**И. К. Раҳимӣ**

# ЛУҒАТИ ТАФСИРИИ КАЛИМАҲОИ ХОРИҶӢ

**Душанбе-2023**

Дар ин луғат зиёда аз 15 ҳазор калимаю истилоҳоти хориҷӣ, ки қисми зиёдашон бетағйир ё бо андаке тағйир (бо талаби қоидаҳои имлои имрӯза) ба забони тоҷикӣ ворид гардидаанд, шарҳу тафсир дода шудаанд. Луғат тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон: илм, техника, иқтисод, сиёсат, тиб, санъат, варзиш, воситаҳои ахбори омма, технологияҳои иттилоотӣ ва ғайраро дар бар мегирад. Дар ҳар як мақолаи тафсирии луғат оид ба пайдоиши калимаи хориҷӣ ва маънои он маълумоти саҳеҳ дода шудааст.

# САРСУХАН

Дар натиҷаи рӯз то рӯз инкишоф ёфтани ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсиву фарҳангии ҷомеаи тоҷик, пешрафти илму техника, пайдо шудани чунин соҳаҳои нав, ба монанди технологияҳои иттилоотӣ, электронӣ, аз ҷумла интернет, инчунин густариш ёфтани робитаҳои гуногун ва рӯзафзуни мардуми тоҷик бо халқҳои дигари ҷаҳон калимаву истилоҳоти зиёде ба хазинаи луғавии забони тоҷикӣ ворид мегарданд. Агар қисме аз ин калимаҳои иқтибосӣ барои мардуми тоҷик шинос буда (аз давраи шӯравӣ ва даҳсолаи аввали истиқлолият), дар луғатҳои тафсирию дузабонаи тоҷикӣ маънидод шуда бошанд, қисме аз онҳо солҳои охир ба матнҳои гуногун ва гуфтугӯи мардум роҳ ёфтаанд, ки шарҳу тафсирашон дар ягон луғат дида намешавад ва бисёриҳо дар фаҳмидан ё тарҷума кардани онҳо душворӣ мекашанд. Бинобар ин ба тадвини як луғати комили тафсирие зарурат пеш омад, ки ҳамаи калимаҳои хориҷии ба хазинаи луғавии забони тоҷикӣ дохилшуда ё ҳанӯз дохилнашуда, вале дар матнҳо ва гуфтугӯи ҳамарӯзаи мардум зуд-зуд дучоршавандаро дар бар гирад.

Соли 1984 таҳти унвони «Луғати тафсирии калимаҳои русӣ-интернатсионалӣ» (мураттиб Воҳид Шарифов) як луғати хубе нашр шуда буд, ки зарурати дар боло зикршударо то имрӯз то андозае қонеъ гардонда омад, вале, мутаассифона, он ҳамагӣ 9 ҳазор калимаю истилоҳоти хориҷиро дар бар мегирифт, сонияи аз байн қариб 40 сол гузашт ва дар ин муддат калимаю истилоҳоти нави фаровоне ба забони тоҷикӣ ворид шуданд.

«Луғати тафсирии калимаҳои хориҷӣ», ки ҳоло дар даст доред, бо ин ном ва дар ин ҳаҷм бори аввал чоп мешавад. Дар ин луғат зиёда аз 15 ҳазор калимаю истилоҳоти хориҷӣ, ки дар матнҳои гуногуни илмию оммавӣ, бадеӣ, сиёсӣ, техникӣ, фарҳангӣ, таърихӣ, дар забони матбуот, радио, телевизион, шабакаҳои иҷтимоии интернет, инчунин дар гуфтугӯи одамон дучор мешаванд, шарҳу тафсир дода шудаанд. Инҳо асосан калимаю истилоҳҳое мебошанд, ки аз забонҳои аврупоӣ: лотинӣ, юнонӣ, англисӣ, франсавӣ, олмонӣ, испанӣ ва ғ. ба забони тоҷикӣ дохил шудаанд (чуноне ки дар боло гуфтем, як қисмашон аллакай дохил шудаанд, қисми дигарашон ҳанӯз дохил нашуда бошанд ҳам, зуд-зуд дар матнҳои гуногун вомехӯранд ва ниёз ба тафсир доранд).

Дар луғат инчунин калимаҳои асли баромадашон русие, ки дар забони тоҷикӣ ҳазм шудаанд, аз қабили самовор, самосвал, колхоз, чойник, поезд, самолёт, вертолёт, лётчик ва ғ., гирд оварда шудаанд (барои донистани этимология ва тобишҳои гуногуни ин калимаҳо). Азбаски аксарияти кулли китобҳои илмию техникӣ дар Тоҷикистон ба забони русианд ва калимаҳои хориҷӣ низ асосан ба тавассути забони русӣ ба забони тоҷикӣ роҳ меёбанд, тасмим гирифтем, ки баъди саркалимаи тафсиршавандаи дорои ҳарфҳои ц, щ, ы ва ь дар қавсайн шакли русии онро (бо корбурди ин ҳарфҳо) илова намоем, мас., **ГЛИТСЕРИН (ГЛИЦЕРИН)**, ба истиснои баъзе калимаҳое, ки ба забони тоҷикӣ гузашта, шаклашонро тағйир додаанд ва бо ҳамин шакл маъмул гардидаанд, ба монанди самовор, чойник ва ғ.

Калимаҳои тафсиршавандае, ки пасванди ҷамъбандии русӣ доранд (мас., гоминиды, гомогалинные) ё дар шакли сифат омадаанд (мас., гомогенный), дар моддаҳои луғат бо пасванди ҷамъбандии тоҷикӣ (гоминидҳо, гомогалиниҳо) ва пасванди сифатсози тоҷикӣ (гомогенӣ) навишта шудаанд.

Ба луғат калимаю истилоҳоти аз забони арабӣ иқтибосшуда дохил карда нашуданд, ки ин се сабаб дорад: 1) қариб ҳамаи ин калимаҳо дар луғатҳои гуногун, аз «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ сар карда, то «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» (2010) шарҳу тафсир дода шудаанд; 2) аксарияти кулли ин калимаҳоро бегона номидан нашояд – онҳо узви комилҳуқуқи лексикаи забони тоҷикӣ гардидаанд, бо таъбири имрӯза гӯем, дар забони тоҷикӣ «ҳуқуқи шаҳрвандӣ гирифтаанд ва шиносномаи тоҷикӣ доранд»; 3) агар ин калимаҳоро низ ба «Луғати тафсирии калимаҳои хориҷӣ» дохил мекардем, ҳаҷми он ду-се маротиба калонтар мешуд.

Луғат пеш аз ҳама барои доираи васеи истифодабарандагон: мутахассисони соҳаҳои гуногун, олимон, кормандони воситаҳои ахбори омма, муҳаррирон, тарҷумонҳо, донишҷӯёну омӯзгорони мактабҳои олӣ ва миёна таъйин шудааст.

## СОХТИ ЛУҒАТ

Модда, яъне саркалимаи тафсиршаванда бо ҳарфҳои калони сиёҳ чоп шуда, дар он ҷойи зада нишон дода шудааст, масалан, **А́ВГУСТ, АБАЗИ́Я, БОТА́НИКА, СТАДИО́Н.**

Агар дар сарлавҳаи мақола ду аломати задаро бинед (мас., дар калимаҳои **А́ВТОМОТОДРО́М, КАХЕ́КСИ́Я, МЕТАЛЛУ́РГИ́Я**), ин маънои онро дорад, ки истифодаи ҳар кадоме аз онҳо дуруст аст.

Баъди модда дар қавсайни росткунҷа пайдоиши калима (этимологияи он) бо тартиби зерин ҷой дода шудааст: номи забоне, ки калима аз он иқтибос шудааст, сипас худи этимон (калимаи хориҷии ба забони тоҷикӣ дохилшуда) бо ҳуруфи лотинӣ ва тарҷумаи этимон ба забони тоҷикӣ, мас., **АДВОКА́Т**, [ол. Advokat < лот. advocatus ба ёрӣ даъват кардан]. Аломати «<» ба он ишора мекунад, ки калимаи мазкур ба забони олмонӣ аз калимаи лотинии «advocatus» гузаштааст.

Бо сабаби душвор будани овонависӣ шакли аслии навишти калимаҳои аз баъзе забонҳо иқтибосшуда (мас.: санскритӣ, ҳиндӣ, японӣ, хитоӣ, муғулӣ, атстекӣ ва ғ.) дода намешавад, танҳо аз кадом забон иқтибос шудани онҳо ишора мешаваду бас, мас., **АЙ́Л**, [муғ.].

Баъзе мақолаҳои луғат дорои истилоҳоти таркибӣ мебошанд, ки онҳо баъди модда бо ҳарфҳои хурди равшани фосиладор навишта мешаванд, мас., **МАГНЕТИЗМ**, м а г н е т и з м и з а м и н .

Агар калима ду тарзи навишт ва талаффуз дошта бошад, он гоҳ тарзи серистеъмолтараш дар аввал ва тарзи камистеъмолтараш баъди он навишта, бо вергул ҷудо карда мешавад, мас., **АТТИСИ́ЗМ, АТТИКИ́ЗМ; А́ТРИЙ, А́ТРИУМ**.

Моддаҳои ҳамгун (омонимҳо), агар аз забонҳои гуногун иқтибос шуда, маъноҳои гуногун дошта бошанд, ё задаашон дар ҷойҳои гуногун гузошта шавад, ҳар кадомаш ба сифати мақолаи алоҳида меояд ва бо рақамҳои хурд ишора мешавад, мас.: **«АКТ**[1]», «**АКТ**[2]».

Калима ё истилоҳе, ки якчанд маъноро ифода мекунад, ҳар як маънои он алоҳида шарҳ дода, бо рақамҳои сиёҳи калон ишора карда мешавад. Мас.: **А□ДРЕС**, [фр. adresse]. **1**. Суроға; ҷойи истиқомати шахс ё ҷойи воқеъшавии муассиса, ташкилот. **2**. Табрикнома ба касе ё ба муассисае ба муносибати ин ё он ҷашн. **3**. Дар техникаи ҳисоббарор аломатҳои рамзии майдони хотира, ки дар он маълумоти зарурӣ ҷойгир карда мешавад. **4**. Адреси почтаи электронӣ – маҷмӯи рақамҳо, аломатҳо ва ҳарфҳои лотинӣ, ки ба тавассути он қуттии электронии почтаро дар сервери адресат мекушоянд; унсури ҳатмии чунин А. аломати @ (ба истилоҳ «сагча») мебошад, ки дар тарафи чапи он номи (логини) инфиродии адресат, дар тарафи рости он бошад, номи сервери ӯ ҷойгир шудааст. **5**. А. дар Интернет – маҷмӯи рақамҳо, аломатҳо ва ҳарфҳои лотинӣ, ки аз рӯи он барномаи компютерӣ (*браузер*) дар шабака сайти (сомонаи, ҷойи) даркориро меёбад.

Агар моддаи луғат дар дохили мақола бе тағйир (ё бо изофат) такрор шавад, он гоҳ он бо ҳарфи якуми модда (ҳарфи калон ва нуқта) нишон дода мешавад, мас., **АККУМУЛЯ́ТСИЯ** – А.-и сармоя.

Унсурҳои калимасози серистеъмоли калимаҳои мураккаб чун мақолаи алоҳида дода шуда, пайдоиш ва маънояшон фаҳмонда мешавад, мас., **АГРО**…, [< лот. ager замин]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки замин, зироат, кишоварзиро ифода мекунанд, мас., агрохимия, агротехника. Дар калимаҳои мураккабе, ки бо ёрии ин унсурҳо таркиб ёфтаанд, пайдоиши ин калимаҳо зикр нагардида, дар қавсайни чоркунҷа бо ҳарфҳои равшани моил (курсив) ба унсурҳои мазкур ишора карда мешавад. Мас., **АГРОБАКТЕ́РИЯҲО**, [*агро*… + *бактерияҳо*].

Пеш аз тафсири баъзе истилоҳҳои махсус соҳае, ки истилоҳ ба он дахл дорад, бо ҳуруфи моил дар шакли ихтисора ишора карда мешавад, мас., *мат*. (математика), *кшв*. (кишоварзӣ), *збш*. (забоншиносӣ) ва ғ. (ниг. «Рӯихати ихтисораҳо»). Калимаю истилоҳоте, ки дар дохили мақолаҳо бо ҳуруфи моил чоп шудаанд, маънои онро доранд, ки дар ҷойи дахлдори луғат ин калимаҳо ба сифати моддаҳои алоҳида вуҷуд доранд.

Дар охири баъзе мақолаҳо бо аломати « ǁ » ва ихтисораи «Мқс» муқоисаи моддаи тафсиршаванда бо дигар калимаҳои ҳаммаъно, наздикмаъно ё зидмаъно тавсия дода мешавад, мас.: **АЛЛИГА́ТОР**, [анг. alligator]. *зоол*. Як навъ тимсоҳ дар Амрико (дарозиаш то 6,3 м) ва Осиёи шарқӣ (дарозиаш то 2,5 м). ǁ Мқс. гавиал, кайман.

Ихтисораи «*маҷ*.» ба маънои маҷозии калимаҳо ишора мекунад.

## РӮИХАТИ ИХТИСОРАҲО

ав. – аввали

австрал. – забони (минбаъд – заб.) австралиҳои таҳҷоӣ.

*адш.* – истилоҳи соҳаи (минбаъд – и. с.) адабиётшиносӣ

алб. – заб. албанӣ

*анат.* – и. с. анатомия

*антр*. – и. с. антропология

англ. – заб.  англисӣ

*антр*. – и. с. антропология

арм. – заб. арманӣ

*арх*. – и. с. археология

*астр*. – и. с. астрономия

атст. – заб. атстекӣ

афр. – заб.-ҳои африқоӣ

*байт*. – и. с. байторӣ

банг. – заб. банғолӣ

белорус. – заб. белорусӣ

*биол*. – и. с. биология

*бот*. – и. с. ботаника

брет. – заб. бретонӣ

булғ. – заб. булғорӣ

*варз*. – и. с. варзиш

венг. – заб. венгерӣ (маҷорӣ)

вет. – заб. ветнамӣ

*геогр*. – и. с. география

*геод*. – и. с. геодезия

*геол*. – и. с. геология

*геом*. – и. с. геометрия

*геоф*. – и. с. геофизика

гурҷ. – заб. гурҷӣ

*гуфт.* – гуфтугӯӣ (лаҳҷавӣ)

ғ. – ғайра

дан. – заб. даниягӣ

*дашн.* – дашном

*демогр.* – и. с. демография

диг. – дигар, дигари, дигарон

*жарг.* – жаргон

заб. – забони

*збш.* – и. с. забоншиносӣ

*зоол.* – и. с. зоология

ивр. – заб. иврит

ивр. қад. – заб. иврити қадим

идиш. – заб. идиш (забони яҳудиёни ашкеназӣ)

ИДМ – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

*иқт.* – и. с. иқтисод

индонез. – заб. индонезӣ

*инф.* – и. с. информатика

ирл. – заб. ирландӣ

исл. – заб. исландӣ

исп. – заб. испанӣ

ит. – заб. италиёвӣ

келт. – заб. келтӣ

кшв. - кишоварзӣ

кор. – заб. кореягӣ

*кӯҳна* – истилоҳи кӯҳнашуда

қад. – қадим

лаос. – заб. лаосӣ

лат. – заб. латишӣ

лит. – заб. литвонӣ

лот. – заб. лотинӣ

м. инҳо – монанди инҳо

мал. – заб. малайӣ

мас. – масалан

*мат.* – и. с. математика

*мач.* – маҷозан

маҷор. – заб. маҷорӣ

*маъд.* – и. с. маъданшиносӣ

*меъм.* – и. с. меъморӣ

миср. қад. – заб. мисрии қадим

*мкб.* – и. с. микробиология

Мқс. – муқоиса кунед бо…

*мол.* – и. с. молия

*мус.* – и. с. мусиқӣ

*муғ.* – заб. муғулӣ

нанай. – заб. нанайӣ

нен. – заб. ненетсӣ

норв. – заб. норвегӣ

озар. – заб. озарӣ

ол. – заб. олмонӣ

ол. қад. – заб. олмонии қадим

*опт.* – и. с. оптика

ором. – заб. оромӣ

осет. – заб. осетинӣ

ох. – охири

*пал.* – и. с. палеонтология

пасв. – пасванд

пешв. – пешванд

пол. – заб. полякӣ

порт. – заб. португалӣ

*психол.* – и. с. психология

*р.-оҳ.* – и. с. роҳи оҳан

рум. – заб. руминӣ

рус. – заб. русӣ

с. – соли, сол

санск. – заб. санскрит

*санъ.* – и. с. санъат

*семит.* – заб. семитӣ

серб. – заб. сербӣ

*сиёс.* – и. с. сиёсат

тақр. – тақрибан

*таър.* – и. с. таърих

*тех.* – и. с. техника

*тиб.* – и.с. тиб

тибет. – заб. тибетӣ

*тиҷ.* – и. с. тиҷорат

тотор. – заб. тоторӣ

турк. – заб. туркӣ

укр. – заб. украинӣ

*фалс.* – и. с. фалсафа

*физ.* – и. с. физика

*физиол.* – и. с. физиология

фин. – заб. финӣ

форс. – заб. форсӣ

фр. – заб. франсавӣ

*хим.* – и. с. химия

хит. – заб. хитоӣ

хорв. – заб. хорватӣ

*ҳарб.* – и. с. ҳарбӣ

ҳинд. – заб. ҳиндӣ

ҳинд. Ам. – заб. ҳиндуёни Амрико

ҳол. – заб. ҳолландӣ

*ҳуқ.* – и. с. ҳуқуқ

чех. – заб. чехӣ

шв. – заб. шведӣ

шумер. – заб. шумерӣ

эл. – и. с. электротехника

эск. – заб. эскимосӣ

эсп. – заб. эсперанто

*этн.* – и. с. этнография

юн. – заб. юнонӣ

якут. – заб. якутӣ

яп. – заб. японӣ

яҳ. – заб. яҳудӣ

# А

**А...**, пеш аз садонокҳо **АН...,** [юн. а..., an... не..., но..., бе..., ғайри...]. Пешванд дар калимаҳои хориҷӣ, ки маънои инкор ё набудани чизеро ифода мекунад, мас.: *асимметрия, аноксемия* || Мқс. анти..., де..., контр..., контра..., ре...

**ААРО́Н**, [< яҳ. қад. Aharon]. Ҳорун; номи бародари бузурги Мӯсои пайғамбар; ба Ҳ. фармон шуда буд, ки ба бародараш дар озод кардани исроилиён аз ғуломии мисриён ёрӣ расонад; дар синни 123-солагӣ вафот кардааст.

**АБАЖУ́Р,** [фр. abat-jour]. Сарпӯши металлӣ, шишагӣ, пластмассӣ, коғазӣ ё матоӣ, ки барои инъикоси рӯшноӣ ё муҳофизати чашм аз нурҳои рости рӯшноӣ ба болои чароғ насб карда мешавад. || Мқс. плафон.

**АБАЗИ́Я,** [ол. Abasie < юн. а... на... + basis гаштан]. *тиб.* Гум шудани қобилияти роҳгардӣ одатан дар натиҷаи бемориҳои асаб. || Мқс. астазия.

**АБА́К**, [< юн. abax (abakos) тахтаи ҳисоб, чӯт]. **1**. *меъм.* Қисми болоии сутун (*капител*), ки шакли чоркунҷа дорад. **2**. Асбоби ҳисоби юнониён ва римиёни қадим, ки шакли чӯти (счёти) имрӯзаро дошт.

**АБАКА́**, [исп. abaca]. *бот.* Растании бисёрсола аз оилаи бананҳо, ки дар ҷазираҳои Филиппин мерӯяд; аз наххои он ресмони киштӣ, тӯри моҳидорӣ, ҷувол ва ғ. мебофанд.

**АБАНДО́Н**, [< фр. abandon даст кашидан, рад кардан]. Аз ҳуқуқҳои худ барои моли суғурташуда даст кашидани соҳиби мол ё соҳиби киштӣ ба фоидаи суғуртакунанда, агар суғуртакунанда ӯҳдадор шавад, ки маблағи суғуртаро ба вай пурра пардохт менамояд.

**АББА́Т,** [ит. abbate]. **1.** Кашиши дайри католикии мардона. **2.** Рӯҳонии католикӣ дар Фаронса. || Мқс. иерей, ксёндз, пастор, раввин.

**АББАТИ́ССА,** [лот. abbatissa]. Роҳибаи дайри католикии занона.

**АББРЕВИАТУ́РА,** [ит. abbreviatura]. Ихтисора, кӯтоҳвора; исме, ки аз қисмҳои буридашудаи калимаҳо ё аз сарҳарфҳои калимаҳо сохта шудааст, мас.: *колхоз*, ИДМ, СММ.

**АБВЕ́Р,** [ол. Abwehr]. *таър.* Хадамоти ҷосусӣ ва зиддиҷосусии (разведка ва контрразведкаи) ҳарбии Олмон дар солҳои 1919-1944.

**АБДИКА́ТСИЯ (АБДИКА́ЦИЯ),** [лот. abdication тарки тоҷу тахт]. Даст кашидан аз тоҷу тахт, ҳокимият, мансаб ё унвон.

**АБДО́МЕН**, [лот. abdomen шикам]. *анат., зоол.* Шикамча; қисми ақиби бадани буғумпойҳо.

**АБДОМИНАЛӢ,** [фр. abdominal шикам]. *анат.* Шикамӣ, мансуб ба шикам. || Мқс. спиналӣ, вентралӣ.

**АБДУ́КСИЯ (АБДУ́КЦИЯ)**, [< лот. abducere дур кашидан, дур кардан]. *анат.* Бо ёрии мушакҳои дуркаш аз хати миёнаи бадан дур кардани дасту пой. || Мқс. аддуксия, флексия, экстензия.

**АБДУ́КТОР**, [< лот. abducere дур кашидан, дур кардан]. *анат.* Мушаки дуркаш. || Мқс. аддуктор, флексор, экстензор.

**АБЕРРА́ТСИЯ (АБЕРРА́ЦИЯ),** [ол. Aberration < лот. aberration инҳироф, гумроҳӣ]. **1.** *физ.* Таҳрифи тасвири электронӣ ё оптикӣ. А. геометрӣ (*астигматизм*, *дисторсия*), *дифраксионӣ* ва *хроматикӣ* мешавад. **2.** *астр.* Тағйирёбии самти нури рӯшноӣ бо сабаби аз якдигар дур ё ба якдигар наздик шудани манбаъ ва қабулкунандаи рӯшноӣ. **3.** *биол.* Аз меъёр дур шудани сохт ва функсияҳои организм (мутатсияи хромосомӣ). **4.** *маҷ.* Иштибоҳ, гумроҳӣ, дур шудан аз ҳақиқат.

**АБЗА́ТС (АБЗА́Ц),** [ол. Absatz]. **1.** Сарсатр. **2.** Банд; матни миёни ду сарсатр.

**АБЗЕ́ТСЕР (АБЗЕ́ТЦЕР)**, [ол. Absetzer]. *тех., геол. Экскаватори* бисёрбела барои кофта баровардани ҷинсҳои хока; асосан дар конҳо истифода мешавад.

**АБЗУ́**, [шумер.]. Дар асотири шумерӣ – уқёнуси зериобие, ки заминро иҳота намудааст; обаш ширин буда, аз гили он гӯё аввалин одамон сохта шудаанд.

**АБИОГЕНЕ́З**, [< *а…* + *био…* + *…генез*]. *биол.* Берун аз организм бе иштироки *ферментҳо* пайдо шудани пайвастҳои органикие, ки дар табиати зинда паҳн шудаанд.

**АБИОТӢ**, [< *а…* + юн. bios ҳаёт]. *биол.* Ғайриорганикӣ; ғайризинда; омилҳои А. – шароитҳои муҳити ғайриорганикие, ки ба организм таъсир мерасонанд.

**АБИССА́Л (АБИССА́ЛЬ)**, [< юн. abysses бетаг]. *геол.* Минтақаи чуқуриҳои калони баҳр ё уқёнус. || Мқс. пелагиал.

**АБИССИ́НИЯ**, [англ. Abyssinia]. Ҳабашистон; номи ғайрирасмии Эфиопия.

**АБИТУРИЕ́НТ,** [лот. abituriens]. **1.** Хатмкунандаи мактаби миёна. **2.** Дохилшавандаи мактаби олӣ ё мактаби миёнаи махсус.

**АБЛА́УТ,** [ол. Ablaut]. *збш.* Бадалшавии садонокҳо дар калимаҳое, ки аз як реша сохта шудаанд ё дар шаклҳои гуногуни калима, мас., гуфт – гӯй; шуд – шавад; апофония низ гӯянд.

**АБЛЯ́ТСИЯ (АБЛЯ́ЦИЯ),** [< лот. ablatio гирифтан, кам кардан]. **1.** *геол.* Тадриҷан кам шудани массаи пирях ё қабати барф дар натиҷаи обшавӣ, бухоршавӣ, таъсири шамол, кандашавии айсбергҳо ва ғ. **2.** *тех.* Аз сатҳи ҷисмҳои сахт моддаҳоро дур кардани ҷараёни газ; ҳангоми аз атмосфераи Замин гузаштани киштиҳои кайҳонӣ, мушакҳо (ракетаҳо) ва метеоритҳо мушоҳида карда мешавад.

**АБ О́ВО**, [лот. ab ovo аз тухм]. Сараввал; аз худи аввал (дар Рими Қадим хӯроки нисфирӯзиро аз хӯрдани тухм сар мекарданд).

**АБОЛИТСИОНИ́ЗМ (АБОЛИЦИОНИ́ЗМ),** [англ. abolitionism < лот. abolition бекор кардан, барҳам додан]. **1.** *сиёс.* Ҳаракати ҷамъиятӣ барои бекор кардани ягон қонун. **2.** Ҳаракати ҷамъиятии охири асри 18 – аввали асри 19 барои бекор кардани ғуломии зангиён.

**АБОЛИ́ТСИЯ (АБОЛИ́ЦИЯ),** [< лот. abolitio бекор кардан, барҳам додан]. *ҳуқ.* **1.** Бекор кардани қонун, қарор. || Мқс. аброгатсия, дерогатсия. **2**. Қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ аз сабаби афви гуноҳ. || Мқс. амнистия.

**АБОНЕМЕ́НТ,** [фр. abonnement]. **1.** Ҳуқуқи истифодаи ягон чиз ба мӯҳлати муайян (мас.: китобҳо, телефон, ҷой дар толори консертӣ ва ғ.). **2.** Ҳуҷҷате, ки ҳуқуқи мазкурро тасдиқ мекунад.

**АБОНЕ́НТ,** [ол. Abonnent]. Шахсе, ки аз *абонемент* истифода мебарад (бештар нисбати истифодабарандагони алоқаи телефонӣ ба кор бурда мешавад).

**АБОРАЛӢ**, [< лот. ab аз + oris даҳон]. *биол.* Дар муқобили даҳон воқеъшуда.

**АБОРДА́Ж,** [фр. abordage]. Ба киштии душман ҷафс шудан бо мақсади ҷанги тан ба тан (мас., ба А. гирифтан; А. кардан).

**АБОРИГЕ́Н,** [фр. aborīgines]. **1.** Сокини тагҷоии мамлакат ё маҳал. **2.** *биол.* Растанӣ ё ҳайвоне, ки дар рафти эволютсия дар ин ё он маҳал пайдо шудааст ва ҳоло ҳам дар он ҷо зиндагӣ мекунад.

**АБО́РТ,** [< лот. abortus]. **1.** Бачапартоӣ, исқоти ҳамл, қатъи ҳамл бо роҳи сунъӣ (ҷарроҳӣ). **2.** *инф.* Қатъ гардидани кори барномаи компютерӣ дар натиҷаи вайроншавии реҷаи додашуда.

**АБОРТИВӢ**, [< лот. abortivus норасид, пеш аз мӯҳлат таваллудшуда]. *биол.* Аз инкишоф бозмондани ягон ҷараён; ҷ а р а ё н и  А - и  б е м о р ӣ – якбора қатъ гардидани инкишофи беморӣ.

**АБРАЗИ́В,** [фр. abrasif]. Моддаҳои регмонанд ё хокаи бисёр сахт аз қабили хокаи ҷилбур, алмос ё хокаи шиша, ки барои суфтагарӣ кор фармуда мешаванд.

**АБРА́ЗИЯ,** [< лот. abrasio тарошидан]. **1.** *геол.* Аз латмаи мавҷҳо хароб шуда фурӯ рафтани соҳили баҳрҳо, кӯлҳо, обанборҳо. **2.** *тиб.* Тарошида тоза кардани бачадон, ковокии дандон ва ғ.

**АБРАКАДА́БРА,** [< лот. abracadabra]. **1.** Формулаи сеҳрнок, азоим. **2.** Маҷмӯи калимаҳои нофаҳмо, ёва, ҳарза. || Мқс. абсурд, нонсенс.

**АБРЕЖЕ́**, [фр. abrege]. Иқтибос яз ягон асар.

**АБРЕ́К,** [< осет. abreg]. *таър.* **1.** Дар давраи ҳамроҳшавии Қафқоз ба Русия – кӯҳистоние, ки ба муқобили армияи подшоҳӣ мубориза мебурд. **2.** Дар Қафқози Шимолӣ шахси мардуде, ки ғарибона бо оворагардӣ ва роҳзанӣ зиндагӣ мекунад.

**АБРИКОТИ́Н**, [фр. abricotine]. Як навъ май, ки аз зардолу тайёр карда мешавад.

**А́БРИС,** [ол. Abriß нақша, тарҳ]. **1.** Кашидани тарҳу нақшаи чизе ба воситаи хатҳо, контур. || Мқс. конфигуратсия. **2.** *геод***.** Нақшаи дастӣ кашидашудаи маҳал бо нишон додани масофа ва маълумоти дигар.

**АБРОГА́ТСИЯ (АБРОГА́ЦИЯ),** [< лот. abrogatio бекор кардан]. *ҳуқ.* Аз эътибор соқит донистани қонуни кӯҳнашуда. || Мқс. аболитсия, дерогатсия.

**АБСА́НС**, [фр. absence]. *тиб.* Беҳушшавии кӯтоҳмуддат ва ногаҳонӣ, ки бо одами гирифтори беморecho саръ рӯй медиҳад.

**АБСЕ́НТ**, [фр. absinthe]. Шароби явшонӣ.

**АБСЕНТЕИ́ЗМ,** [англ. absenteism]. **1**. Яке аз шаклҳои заминдорӣ; соҳиби замин дар раванди истеҳсолот иштирок накарда, дар шакли *рента* ё ҳиссаи фоида даромади пулӣ мегирад. **2.** *сиёс.* Аз иштирок дар интихобот саркашӣ намудани интихобкунандагон. **3.** Мунтазам ҳозир нашудани аъзоёни мақомоти коллегиалӣ дар маҷлисҳои ин мақомот.

**АБСОЛЮ́Т,** [< лот. absolutus бешак]. *фалс.* Дар фалсафаи идеалистӣ – нахустасоси абадӣ, мутлақ ва беинтиҳои коинот (рӯҳи мутлақ, зоти мутлақ, нафси мутлақ); муродифи Худо.

**АБСОЛЮТИ́ЗМ**, [< лот. absolutus бешак]. Ҳокимияти мутлақа; шакли давлатдорӣ, ки дар он ҳокимияти олии мамлакат дар дасти як кас аст. || Мқс. монархия.

**АБСОЛЮ́ТСИЯ (АБСОЛЮ́ЦИЯ),** [< лот. absolutuo озодкунӣ]. **1.** *ҳуқ.* Қарори суд дар бораи озод кардани судшаванда аз ҷазо. **2.** Дар дини католикӣ – ғуфрони гуноҳ, афви гуноҳ. || Мқс. индулгенсия.

**АБСОРБЕ́НТ,** [< лот. absorbens ҷаббанда]. *хим.* Моддаи ҷаббанда.

**АБСО́РБЕР**, [< лот. absorbens ҷаббанда]. *тех.* Таҷҳизот барои дошта гирифтани буғ ё газҳо бо роҳи ҷаббидани онҳо бо ёрии *абсорбентҳо* (моддаҳои сахти дарунковок ё моеъҳо).

**АБСТИНЕ́НТ,** [< лот. abstinens худдорикунанда]. Одаме, ки худдорӣ аз нӯшидани шароб, манъ кардани истеҳсол ва фурӯши машруботи спиртиро тарафдорӣ ва тарғиб менамояд.

**АБСТИНЕНТӢ**, [< лот. abstinens худдорикунанда]. *тиб.* Синдроми А. – ҳолати хуморӣ ва афсурдаҳолие, ки бо майзадагон ва нашъамандон баъди якбора бас кардани истеъмоли маводи мухаддир ва машрубот рӯй медиҳад.

**АБСТИНЕ́НСИЯ (АБСТИНЕ́НЦИЯ)**, [лот. abstinentia худдорӣ кардан]. **1**. Қатъиян худдорӣ кардан аз алоқаи ҷинсӣ, тамокукашӣ, истеъмоли машрубот ё маводи мухаддир. **2**. *тиб.* Ҳолати ҷисмонӣ ва рӯҳии майзадагон ва нашъамандон баъди якбора бас кардани истеъмоли машрубот ва маводи мухаддир.

**АБСТРАКТӢ**, [< лот. abstraction дуршавӣ, дур кардан, таҷрид]. *фалс.* Муҷаррад, мавҳум, назарӣ; шакли маърифат, ки ба фикран ҷудо кардани хосияту робитаҳои асосии ашё ва муҷаррадгардонӣ аз дигар хосияту робитаҳои ҷузъии онҳо асос ёфтааст. Санъати А. – ниг. *абстрактсионизм.*

**АБСТРАКСИОНИ́ЗМ (АБСТРАКЦИОНИ́ЗМ),** [фр. abstractionnisme]. Ҷараёни бағоят шаклпараст дар санъати рассомӣ, ки пайравони он олами воқеиро ба воситаи шаклҳои мавҳум ва доғу хатҳои бетартиб тасвир мекунанд.

**АБСТРА́КСИЯ (АБСТРА́КЦИЯ),** [< лот. abstraction дуршавӣ, дур кардан, таҷрид]. **1.** *фалс.* Фикран дур шудан аз ин ё он ҷанба, хусусият ё робитаҳои камаҳамияти ашёву ҳодисот барои ҷудо кардани аломатҳои муҳими онҳо. **2.** Мафҳуми муҷаррад, ҷамъбасти назариявии таҷриба; А.-ҳои илмӣ моҳияти ҳодисаҳои табиат ва ҷамъиятро инъикос мекунанд.

**АБСУРДИ́ЗМ,** [< фр. absurdisme]. *адш.* Равия дар санъат ва адабиёт (асосан дар драматургия), ки олами атрофро чун як чизи бемаънӣ ва бемантиқ муаррифӣ мекунад; асосгузорони А. дар драматургия С. Беккет (1906 – 1989) ва Э. Ионеско (1912 – 1994) ҳисоб карда мешаванд.

**АБСТСЕ́СС (АБСЦЕ́СС),** [< лот. abscessus]. *тиб.* Пучак; захми фасоднок, ҷамъшавии фасод дар бофтаҳо ва узвҳо дар натиҷаи варами онҳо. || Мқс. карбункул, флегмона, фурункул.

**АБСТСИЗӢ (АБСЦИЗӢ)**, [< лот. abscisio буридан]. *биол.* Кислотаи А. – гормони растаниҳо (изопреноид), ки ҷараёни пажмурдашавӣ ва баргрезии растаниҳоро танзим намуда, инкишофи растаниҳоро бозмедорад.

**АБСТСИ́ССА (АБСЦИ́ССА)**, [лот. abscissus буридашуда]. *мат.* Яке аз координатҳои декартии нуқта (одатан нуқтаи якум), ки мавқеи онро дар фазо ё ҳамворӣ муайян мекунад (аломаташ – x)

**АБУЛИ́Я,** [< юн. abulia беҷуръатӣ]. *тиб.* Беиродагии патологӣ, суст шудани ирода, беҳавсалагӣ ба фаъолият || Мқс. апатия, депрессия.

**АБЪЮРА́ТСИЯ (АБЪЮРА́ЦИЯ),** [< лот. abjuratio]. Қасам хӯрда, аз чизе даст кашидан, ошкоро даст кашидан аз дин ё ақидаи худ.

**АВАН…**, [фр. avant пеш]. Қисми аввали калима, ки маънои пешро ифода мекунад, мас., авангард.

**АВАНГА́РД,** [фр. avant-garde]. **1.** Талоя; ҷилавдор; гурӯҳи пешгарди лашкар. **2.** Қисми пешсафи ягон синф ё гурӯҳи ҷамъиятӣ.

**АВАНГАРДИ́ЗМ,** [фр. avantgardisme]. **1.** Ҷидду ҷаҳди ягон гурӯҳи ҷамъиятӣ барои сарвар шудан ба коре. **2.** Пешсафия; номи умумии баъзе равияҳои санъат дар асри 20-ум, ки ба он дур шудан аз *реализм* ва ҷустуҷӯи воситаҳои нави инъикос ва шаклҳои нави тасвир хос аст.

**АВАНЗА́Л,** [фр. avant-sale < avant пеш + sale толор, зал]. Дар биноҳои ҷамъиятӣ – хонаи калоне, ки аз он ба толори (зали) асосӣ медароянд. || Мқс. вестибюл, фойе, холл.

**АВАНПО́РТ,** [фр. avant-port < avant пеш + port бандар]. Пешбандар; қисми берунии бандар, ки барои лангар партофта, таваққуф намудани киштиҳо, инчунин барои бор кардан ва фуровардани бори киштиҳо хизмат мекунад. || Мқс. гаван, рейд.

**АВАНПО́СТ,** [фр. avant-poste < avant пеш + poste пост]. Талоя; қисми пешгарди лашкар. || Мқс. авангард.

**АВА́НС,** [фр. avance]. Пешмузд, байъона.

**АВАНТА́Ж,** [фр. avant-tage]. Фоида, суд, нафъ, фоидаҷӯӣ, ҳолати мусоид. || Мқс. профит.

**АВАНТИ́ТУЛ,** [< фр. avant пеш + *титул*]. Саҳифаи аввали китоб, ки пеш аз варақи унвонӣ (титулӣ) омада, дар он номи нашриёт, унвони китоб ва маълумоти дигар сабт мегарданд. || Мқс. контртитул, форзатс.

**АВАНТЮ́РА,** [фр. aventure саргузашт, моҷаро]. Кору рафтори хатарнок, беандеша ва таваккалӣ ба умеди муваффақияти тасодуфӣ.

**АВАНТЮРӢ,** [< *авантюра*]. А д а б и ё т и А . – адабиёти саргузаштӣ, моҷароӣ.

**АВАНТЮРИ́Н,** [фр. aventurine]. **1.** *маъд.* Минерал, як навъ *квартси* сиёҳи сурхтоб ё зардтоб, баъзан сабзтоб, ки барои тайёр кардани зеварот ё зарфиёт ба кор бурда мешавад. **2.** Як навъ шишаи қаҳваранг (шишаи авантюринӣ), ки сатҳи болоии он бо резаҳои рахшони мис ё хром андуда шуда, барои ҳар гуна ороиш ба кор меравад.

**АВАНТЮРИ́СТ**, [< *авантюра*]. **1**. Моҷароҷӯ. **2**. Шахсе, ки ба ягон кори ғайриодӣ, хатарнок, иҷронашаванда даст мезанад.

**АВА́РИЯ,** [ит. avaria]. **1**. Ногаҳон аз кор баромадани ягон дастгоҳ, мошин, киштӣ, ҳавопаймо ва ғ. дар вақти кор ё ҳаракат. **2**. Фалокат; садама; ҳодисаи нохуши ғайричашмдошт.

**А́ВГИЙ,** [номи шоҳи қабилаи эпейҳо – Авгий]. **1.** С а и с х о н а и  А в г и й – бино ба ривояти юнониёни қадим – саисхонаи чиркини шоҳи қабилаи эпейҳо – Авгий, ки ахлоти он дар давоми чандин сол тоза карда нашудааст ва гӯё Геракл ном қаҳрамони афсонавӣ оби ду дарёро ба он ҷо сар дода, ахлоти онро дар як рӯз шуста тоза кардааст. **2.** *маҷ.* Ягон чизи (кори) хеле ифлос, бесару сомон; макони ниҳоят чиркину ифлос, пур аз ахлот, бетартиб.

**АВГИ́Т,** [юн. auge нур, тобиш, дурахш]. *геол.* Минерале аз гурӯҳи *пироксенҳо*.

**АВГУ́Р,** [лот. augur < avis парранда]. **1.** Дар Рими Қадим: коҳине, ки аз рӯи хониш ва парвози мурғони ҳаво «хости Худо»-ро таъбиру маънидод мекард. **2.** Касе, ки худро донандаи асрори махсус вонамуд мекунад. **3.** *маҷ.* Фиребгар, қаллоб, «фолбин».

**А́ВГУСТ,** [< лот. Augustus – номи император Октавиан Август]. Моҳи ҳаштуми соли тақвимӣ, ки 31 шаборӯз аст.

**АВГУ́СТА**, [лот. Augusta]. Дар империяи Рим унвони завҷа, модар, духтар ё ҳамшираи император.

**АВЕНЮ́,** [фр. avenue]. Дар Фаронса, Англия, ИМА ва баъзе мамлакатҳои диг. – хиёбони васее, ки дар ҳарду тарафаш дарахт шинонда шудааст; кӯчабоғ. || Мқс. булвар.

**АВЕ́РС,** [фр. avers]. Тарафи рӯи танга, медал.

**АВЗО́Н, АВСО́Н**, [лот. Augson]. Дар асотири юнониёни қадим – писари Одиссей, аввалин подшоҳи Италия.

**АВИА...,** [лот. avis паранда]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки ба паранда, парвоз, парвозкунанда, ҳавонавардӣ, *авиатсия* мансуб буданро ифода мекунад. Мас.: авиадесант, авиаконструктор, *авиамоделизм*.

**АВИА́Л (АВИА́ЛЬ)**, [< *авиатсионӣ* + *алюминий*]. Хӯлаи алюминий бо магний, мис, кремний, марганетс ё хром, ки ниҳоят чандиру бадошт буда, дар саноати чархболсозӣ ба кор меравад.

**АВИАМОДЕЛИ́ЗМ**, [*авиа...* + *моделизм*]. Сохтани амсилаҳои (моделҳои) олоти парвозкунанда бо мақсадҳои техникӣ ва варзишӣ.

**АВИА́ТОР**, [фр. aviateur]. *кӯҳна.* Ҳавонавард; ронандаи ҳавопаймо ва чархбол. || Мқс. лётчик.

**АВИА́ТСИЯ (АВИА́ЦИЯ),** [фр. aviation < лот. avis парранда]. **1.** Назария ва амалияи ҳавонавардӣ. **2.** Нақлиёти ҳавоӣ, *флоти* ҳавоӣ.

**АВИ́ЗО,** [ит. avviso]. *мол.* Огоҳнома дар бораи дахлу харҷи маблағ, тағйир ёфтани ҳолати ҳисоббаробаркунии мутақобила, интиқоли пулу мол ва ғ., ки як *контрагент* (субъекти хоҷагидорӣ) ба контрагенти диг. мефиристад.

**АВИТАМИНО́З,** [< юн. а... бе + *витамин* + пасв. -оз]. *тиб.* Камвитаминӣ; витаминкоҳиш; беморие, ки аз нарасидани витаминҳо пайдо мешавад.

**АВИТЕЛЛИНО́З,** [< лот. avitellinoses]. *байт.* Бемории ҳайвоноти кавшакунанда, бештар бузу гӯсфандон (*гелминтоз* аз гурӯҳи *сестодозҳо*); барангезандагони А. кирмҳои тасмашакле мебошанд, ки дар рӯдаҳои борик зиндагӣ мекунанд.

**АВИФА́УНА,** [< лот. avis парранда + *фауна*]. Кулли паррандаҳои маҳал ё давраи муайян; *орнитофауна* низ гӯянд.

**АВОКА́ДО,** [порт. abacate < атст. ahuacat]. *бот.* Дарахти ҳамешасабзи тропикӣ, инчунин меваи ин дарахт, ки хӯрданбоб аст; ноки аллигаторӣ  низ гӯянд.

**АВРА́Л,** [< англ. over ба боло + all ҳама]. **1.** Кори умумӣ ва одатан таъҷилӣ дар киштӣ, ки ҳайати он ва баъзан мусофирон низ иҷро мекунанд. **2.** *маҷ.* Кори таъҷилӣ ва фаврӣ дар корхона, ки ба иҷрои он ҳамаи кормандон сафарбар карда мешаванд, инчунин ҳолати саросемагие, ки дар иҷрои кори мазкур мушоҳида карда мешавад.

**АВРА́Н,** [< лот. aurum тилло]. *бот.* Растании заҳрноки бисёрсолае, ки дар ботлоқҳо мерӯяд (тақр. 20 намуд); аз баъзе намудҳои он доруҳои қайовар ва пешоброн тайёр мекунанд.

**АВРИ́КУЛА,** [< лот. auricular нармаи гӯш]. *бот.* Растании ороишии боғӣ, яке аз намудҳои *примула*, ки аз сабаби ба нармаи гӯш монанд будани баргҳояш чунин ном гирифтааст.

**АВРО́РА,** [лот. Aurōra]. **1**. Дар асотири Рими Қадим – олиҳаи шафақи субҳ. **2.** маҷ. Шафақи субҳ.

**АВСТРА́ЛОПИТЕ́К,** [лот. australis ҷанубӣ + юн. pithekos маймун]. *антр.* Маймуни қадими одаммонанд, ки ба шакли  аҷдоди одам наздик аст; дар охири давраи сеюм ва аввали давраи чорум зиндагонӣ кардааст; косахонаи сари А.-ро аввалин маротиба соли 1924 дар Африқои Ҷанубӣ пайдо кардаанд.  || Мқс. антропоид, мегантроп, парантроп, парапитек.

**АВТАРКИ́Я,** [юн. autarkeia худқонеъгардонӣ]. *иқт.* Ташкили хоҷагии дарбастаи иқтисодӣ дар доираи мамлакати алоҳида ё минтақаи алоҳида, ки қодир аст бидуни кашондани мол аз хориҷа фаъолият кунад.  || Мқс. изолятсионизм, партикуляризм, сепаратизм.

**АВТО́,** [фр. auto шакли кӯтоҳшудаи automobile]. Автомобил, мошин.

**АВТО…,** [юн. autos худам]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки маъноҳои зеринро ифода мекунад: 1) худам, азони худам, мас.: автобиография, автопортрет; 2) худкор, автоматӣ, мас.: автоблокировка, авторучка; 3) худҳаракаткунанда, мас., автодрезина; 4) мансубият ба автомобил, мас.: автопритсеп, автоҷралли.

**АВТОБА́ЗА,** [*авто…* + *база*].  Муассисаи нақлиёти автомобилӣ; истгоҳ ва ҷои таъмири автомобилҳо.  || Мқс. автопарк.

**АВТОБА́Н,** [ол. Autobahn < auto автомобилӣ + Bahn роҳ]. Шоҳроҳ; роҳи васеъ барои ҳаракати босуръати автомобилҳо.  || Мқс. автомагистрал, шоссе.

**АВТОБИОГРА́ФИЯ,** [юн. autos худам + *биография*]. Тарҷумаи ҳоли худ.

**АВТО́БУС,** [ол. Autobus]. Автомобили бисёрҷояи мусофиркаш, яке аз намудҳои нақлиёти ҷамъиятӣ.

**АВТОВОКЗА́Л,** [*авто… + вокзал*]. Бино (маҷмӯи биноҳо), иншоот ва таҷҳизот барои хизматрасонӣ ба мусофирони нақлиёти автомобилӣ ва танзими ҳаракати нақлиёти мусофиркаш.

**АВТОГА́МИЯ,** [юн. autos худам + gamos издивоҷ]. *биол.* Худгардолудкунии растаниҳои олӣ, мас.: гандум, ҷав; худбордоркунии ҳайвоноти дуҷинса, мас. баъзе кирмҳо. || Мқс. аллогамия.

**АВТОГЕ́Н,** [юн. autos худам + genos зот, ҷинс]. *тех.* **1.** Кафшер кардан ё буридани металл бо истифода аз ҳарорати баланде, ки дар натиҷаи сӯхтани омехтаи газҳои сӯзанда (мас., атситилен) ва оксиген ҳосил мешавад. **2.** Дастгоҳе, ки барои ин кор истифода мешавад.

**АВТОГЕНЕ́З,** [англ. autogenesis < юн. autos худам + genesis пайдоиш]. *биол.* Номи умумии равияҳои идеалистӣ дар таълимоти эволютсионӣ; он равияҳо инкишофи табиати зиндаро раванде мешуморанд, ки гӯё он ба шароити муҳит вобаста набуда, балки бо омилҳои дохилии ғайримоддӣ танзим мегардад («принсипи такомулот», «қувваи инкишоф»). || Мқс. эктогенез, номогенез.

**АВТО́ГРАФ,** [< юн. autos худам + grapho менависам]. **1.** Соядаст; имзо ё матни бо дасти худи муаллиф навишташуда (барои ёдгорӣ). **2.** Матни дастнависи муаллиф.

**АВТОГРЕ́ЙДЕР,** [*авто +грейдер*]. Мошини худгарди роҳсозӣ.

**АВТОДИДА́КТ,** [< юн. autos худам + didaktos омӯхта]. Худомӯз.

**АВТОДИСПЕ́ТЧЕР,** [*авто… + диспетчер*]. Системаи компютерикунонидашудаи идораи истеҳсолот; ҷамъоварӣ ва коркарди иттилоотро дар бораи рафти корҳо таъмин намуда, роҳҳои дуруст ва самараноки иҷрои корҳоро муайян мекунад.

**АВТОДРЕЗИ́НА**, [*авто… + дрезина*]. *Дрезина* (аробаи одамкаш ё боркаши бо роҳи оҳан ҳаракаткунанда)-е, ки онро муҳаррики автомобилӣ ба ҳаракат медарорад.

**АВТОДРО́М,** [*авто…* + юн. dromos ҷои давидан]. Майдони махсус барои озмоиши автомобилҳо, мусобиқаҳои автомобилронӣ, инчунин барои омӯзондани ронандагон.

**АВТОИНТОКСИКА́ТСИЯ (АВТОИНТОКСИКА́ЦИЯ),** [*авто…+ интоксикатсия*]. *тиб.* Ҳолати беморӣ аз таъсири моддаҳои заҳрноке, ки дар худи организм пайдо шудаанд.

**АВТОИНФЕ́КСИЯ (АВТОИНФЕ́КЦИЯ),** [*авто…+ инфексия*]. *тиб.* Худсироятёбии организм бо микробҳое, ки аз бемории пештара боқӣ мондаанд ва бо таъсири омилҳои муайян аз нав бемориовар гардидаанд.

**АВТОКА́Р,** [англ. autocar < юн. autos худам + англ. car аробача]. Аробачаи худгарди дорои муҳаррики дарунсӯз барои боркашонӣ (одатан дар дохили корхонаҳои саноатӣ, анборҳо, вокзалҳо ва ғ.). || Мқс. электрокар.

**АВТОКАТА́ЛИЗ,** [*авто…*+ *катализ*]. *хим.* Тезондани реаксияи химиявӣ бо яке аз моддаҳои дар он иштироккунанда, ки нақши *катализаторро* мебозад.

**АВТОКЕФА́ЛИЯ**, [< юн. autos худам + kephale сар]. Калисои мухтор ва худидорашавандаи православӣ.

**АВТОКЛА́В,** [< юн. autos худам + лот. clavis калид]. *хим. тиб.* Зарфи махсуси герметикии сарпӯшдоре, ки барои ба ҷо овардани ҳар гуна амалиётҳои физикию химиявӣ дар зери ҳарорату фишори баланд, инчунин барои ҷӯшонда безарар кардани асбобҳои тиббӣ ба кор бурда мешавад.

**АВТОКО́Д,** [< *авто…*+ *код*]. *инф.* Яке аз забонҳои барномасозӣ, ки ҳар як рамзи он ба як фармони компютер табдил меёбад. || Мқс. алгол, ассемблер, бейсик, кобол, паскал.

**АВТОКОЛЛИМА́ТОР,** [< *авто…*+ лот. collineo рост равон мекунам]. Зовиясанҷ; асбоби оптикӣ-механикӣ барои аниқ чен кардани кунҷҳо.

**АВТОКРА́Т,** [ол. Autokrat < юн. autokrates мустабид]. Ҳокими мутлақ, яккаҳукмрон. || Мқс. диктатор.

**АВТОКРА́ТИЯ,** [ол. Autokratie < юн. autokrateia ҳокимияти мутлақа]. Яккаҳукмронӣ; системаи сиёсии давлатдорие, ки дар он ҳокимияти олии номаҳдуд дар дасти як кас аст. || Мқс. авторитаризм, монархия.

**АВТО́Л,** [< *авто…*+ лот. oleum равған]. Равғани молиданӣ барои автомобилҳо, тракторҳо ва мошинҳои дигар. || Мқс. мазут, солидол.

**АВТО́ЛИЗ,** [ол. Autolyse < юн. autos худам + lysis вайроншавӣ]. *хим.*, *биол.* Худвайроншавии бофтаю ҳуҷайраҳои ҳайвонот ё растаниҳо бо таъсири ферментҳое, ки дар худи ҳамон бофтаҳо вуҷуд доранд.

**АВТОЛО́ГИЯ,** [< *авто…*+ юн. logos калима]. *збш.* Истифодаи калимаҳо ба маънои аслиашон.

**АВТОМАГИСТРА́Л (АВТОМАГИСТРА́ЛЬ),** [< *авто…*+ лот. magistralis асосӣ]. Шоҳроҳ; роҳи дарозу сербари автомобилгарде, ки аз мобайни он барои ҷудо кардани селаи нақлиёти ба самти муқобил ҳаракаткунанда хати ҷудокунанда кашида шудааст.

**АВТОМА́Т,** [< юн. automatos худкор]. **1.** Мошин, таҷҳизот, дастгоҳ, асбобе, ки худаш, яъне бе иштироки одам, кори муайянеро мустақилона иҷро мекунад. **2.** Навъи аслиҳаи оташфишони яккапаррон ва силсилапаррон.

**АВТОМАТИ́ЗМ**, [< юн. automatos худкор]. **1.** *физиол.* Қобилияти худ ба худ, мунтазам ҳаракат кардани ҳуҷайраҳо, бофтаҳо ё узвҳои одам ё ҳайвон бо таъсири ангезаҳое, ки

дар худи онҳо пайдо мешаванд, яъне бе сабабҳои берунӣ, мас., тапиши дил. **2.** *психол.* Бе ихтиёр, бешуурона ба ҷо овардани кор ё ҳаракате; ҳаракати худ ба худ.

**АВТОМАТИКУНОНӢ**, [< *автомат*]. Истифодаи воситаҳои техникӣ ва низому усулҳои иқтисодию математикии идораи истеҳсолот, ки барои бе иштироки одам иҷро намудани корҳои муайян имконият медиҳанд.

**АВТОМА́ТИКА**, [< юн. automatos худкор]. **1.** Соҳаи илм ва техника, ки назария ва принсипҳои автоматикунониро тадқиқ мекунад. **2.** Маҷмӯи механизмҳо ва асбобҳое, ки ба таври *автоматӣ* кор мекунанд.

**АВТОМАТӢ**, [< юн. automatos худкор]. **1.** Иҷрои ягон кор бе иштироки одам; х а т и А . – маҷмӯи таҷҳизоти асосӣ ё ёрирасоне, ки тамоми ҷараёни истеҳсол ё коркарди маҳсулотро ба таври автоматӣ ба ҷо меорад. **2.** Бешуурона, беихтиёрона, худ ба худ.

**АВТОМЕТРИ́Я**, [< *авто* + … *метрия*]. Соҳаи илм, ки асосҳои тарҳрезии асбобҳои автоматии андозагирию назорат ва системаҳои андозагирии иттилоотиро меомӯзад.

**АВТОМИ́КСИС**, [< *авто.* + …юн. mixis омехташавӣ]. *биол.* Худбордоршавӣ; якҷояшавии ҳуҷайраҳои ҷинсие, ки ба худи ҳамон як фард мансубанд (дар байни соддатаринҳо, замбурӯғҳо, обсабзҳо маъмул аст).

**АВТОМОБИ́Л (АВТОМОБИ́ЛЬ),** [фр. automobile < юн. autos худ + лот. mobilis ҳаракаткунанда]. Воситаи нақлиёти худҳаракаткунандаи дорои чархҳо ва муҳаррики дарунсӯз, ки барои одамкашӣ ва боркашӣ таъйин шудааст.

**АВТОМОБИЛИ́ЗМ**, [< фр. automobilisme]. Мусобиқаи автомобилронӣ, пойгаи автомобилҳо.

**А́ВТОМОТОДРО́М**, [< *авто…* + *…мото…*+ *…дром*]. Майдони махсус ҷиҳозонидашуда барои озмоиш ё пойгаи автомобилҳо ва мототсиклҳо.

**АВТОМОТРИ́СА**, [< фр. automotrise вагони мотордор]. Вагони муҳаррикдори роҳи оҳан. || Мқс. дрезина.

**АВТОНИ́М**, [< *авто…* + юн. onyma ном]. Номи ҳақиқии муаллифе, ки бо тахаллус менависад.

**АВТОНО́МИЯ**, [юн. autonomia < autos худ, худам + nomos қонун]. **1.** *ҳуқ.* Ҳуқуқи аҳолии минтақаи муайяни давлат ба амалисозии мустақилонаи ҳокимияти давлатӣ дар ҳудуди худ тибқи конститутсияи ҳамон давлат; мухторият, худмухторӣ. **2.** Мустақилияти муассисаи илмӣ ё таълимӣ, мас. автономияи донишгоҳӣ. **3.** Дар илми ахлоқ: қобилияти мустақилона тасмим гирифтани шахс новобаста аз фишору омилҳои берунӣ ва тарсу ваҳми худ.

**АВТОНОМӢ**, [юн. autonomos]. Худмухтор, мухтор, мустақил; новобаста ба ягон чизи дигар вуҷуддошта ё амалкунанда; п а р в о з и А . – парвози мустақилонаи киштии кайҳонӣ; т а р о ф а и А . – тарофаи гумрукӣ, ки давлат ба таври якҷониба, яъне бе бастани шартнома бо давлати дигар муқаррар кардааст.

**АВТОПИЛО́Т**, [< *авто…* + *…пилот*]. Таҷҳизот барои идораи автоматии олати парвозкунанда.

**АВТОПЛА́СТИКА**, [юн. auto… + *пластика*]. *тиб.* Бо амали ҷарроҳӣ кӯчондани (пайванд кардани) бофтаҳо аз як қисми организм ба қисми дигари он барои бартараф намудани нуқсонҳои бадан.

**АВТОПОЛИПЛОИДИ́Я**, [< *авто…* + *полиплоидия*]. *биол.* Ба таври ирсӣ якчанд маротиба зиёд гардидани маҷмӯи хромосомҳо дар ҳуҷайраҳои растаниҳо ва баъзан ҳайвоноти худи ҳамон як намуд; дар асоси А.-и сунъӣ шаклҳои нави растаниҳои зироатӣ ба вуҷуд оварда шудаанд.

**АВТОПОРТРЕ́Т**, [< *авто…* + *портрет*]. Дар асари бадеӣ худашро тасвир намудани муаллиф (рассом, нависанда ва ғ.).

**АВТОПСИ́Я**, [< *авто…* + юн. opsis дидан]. Ташреҳ; чок кардани ҷасади мурда барои муайян кардани сабаби марг. || Мқс. аутопсия, эксгуматсия.

**АВТОРАДИОГРА́ФИЯ**, [< *авто…* + *радиография*]. Усули бақайдгирии тақсимшавии моддаҳои радиоактивӣ дар объект; ҳангоми А. навори эмулсияаш ба афканишоти радиоактивӣ ҳассос ба рӯи объект гузошта мешавад ва дар натиҷа моддаҳои радиоактивӣ (*изотопҳо*) дар он акс меёбанд.

**АВТОРА́ЛЛИ**, [< *авто…* + *ралли*]. Мусобиқаи мошинронӣ ё мототсиклронӣ бо хатсайри муайян.

**АВТОРЕФЕРА́Т**, [< *авто…* + *реферат*]. Аз ҷониби худи муаллиф баён намудани муҳтавои мухтасари асари илмӣ, мас., А.-и рисолаи номзадӣ.

**АВТОРИТАРИ́ЗМ**, [лот. auctoritas ҳокимият]. Ҳокимияти мутлақа, сохти давлатие, ки ба ҳокимияти шахсӣ, усулҳои ҳукмронии диктаторӣ асос ёфтааст. || Мқс. абсолютизм, автократия, монархия.

**АВТОРИТАРӢ**, [фр. autoritaire ҳокимӣ < лот. auctoritas ҳокимият]. Худкома; ҳукмронии А. – ҳукмроние, ки ба итоати бучунучаро ба ҳокимият, ба зӯран ҷорӣ намудани ҳукм ва нуфузи худ асос ёфтааст. || Мқс. тоталитарӣ.

**АВТОРУ́ЧКА**, [< *авто…* + рус. ручка қалам. килк]. Қалами (килки) худнавис.

**АВТОСАЛО́Н**, [< *авто…* + *салон*]. Намоишгоҳи амсилаҳои (моделҳои) нави автомобил.

**АВТОСАМОСВА́Л,** [< *авто…* + рус. самосвал худфурор]. Автомобиле, ки борашро худаш холӣ мекунад (ниг. *самосвал*).

**АВТОСТРА́ДА**, [ит. autostrada]. Шоҳроҳ; роҳи васеъ барои ҳаракати дутарафаи автомобилҳо. || Мқс. автомагистрал, автобан, шоссе.

**АВТОТИ́ПИЯ**, [ол. Autotypie]. **1**. Усули чопи полиграфии расмҳои нимранге, ки ба воситаи он нусхаи аслро бо *растр* (тӯр) сурат мегиранд. **2**. Нусхаи ҳамин гуна клише (лавҳаи металлӣ, ки дар вай акси расм ё хат гузаронда шудааст).

**АВТОТО́МИЯ**, [< *авто…* + юн. tome буриш]. *биол.* Худмаъюбкунӣ; хусусияти баъзе ҳайвонот (мас. калтакалосҳо, сусморҳо ва ғ.), ки қисми бадани худро ҳангоми газидан ё дарафтодани даррандаҳо худашон мепартоянд; узвҳои афтода одатан аз нав барқарор мешаванд; А. бо мурури инкишофи таърихии организмҳо чун воситаи муҳофизат ба вуҷуд омадааст.

**АВТОТРА́НСПОРТ**, [< *авто…* + *транспорт*]. Нақлиёти автомобилӣ; автомобилҳои боркаш ва мусофиркаш.

**АВТОТРАНСФОРМА́ТОР**, [< *авто…* + *трансформатор*]. *тех. Трансформаторе*, ки дар он як қисми печаки баландшиддат ба сифати печаки пастшиддат хизмат мекунад; барои пасту баланд кардани шиддат дар муҳаррикҳо ва асбобҳои барқие, ки бо ҷараёни тағйирёбанда кор мекунанд (мас.: телевизорҳо, компютерҳо ва ғ.) истифода мешавад. || Мқс. реле, реостат, стабилизатор.

**АВТОТРОПИ́ЗМ**, [< *авто…* + *тропизм*]. *бот.* Қобилияти танаи худро ё қисмҳои танаи худро рост кардани растаниҳо баъд аз қатъ гардидани таъсири омиле, ки боиси хам шудани онҳо гардидааст, мас., рост шудани танаи гандум баъди борон.

**АВТОТРОФӢ́**, [< *авто…* + юн. trophe ғизо]. *биол.* Аз моддаҳои ғайриорганикӣ ғизогиранда; муқобили *гетеротрофӣ*; организмҳои А. ба тавассути энергияи *фотосинтез* ва *хемосинтез* аз моддаҳои ғайриорганикӣ ҳамаи моддаҳои барои ҳаёташон заруриро ҷудо карда мегиранд.

**АВТОХО́РИЯ**, [< юн. autos худам + choreo паҳн мешавам]. *бот.* Паҳншавии тухм ва спораҳои растаниҳо бо ёрии олатҳои дар худи растаниҳо мавҷудбуда бе иштироки шамол, ҷонварон ва омилҳои дигари берунӣ; мас., кафидани ғилофаки нахӯд.

**АВТОХТО́Н**, [< юн. autochthon маҳаллӣ, таҳҷоӣ]. **1**. Ниг. *абориген* (ба маънои 1-ум). **2**. *биол.* Ниг. *абориген* (ба маънои 2-юм). **3**. *геол.* Як қисми қабатҳои чин-чине, ки баъди пайдо шудани қабатҳои тектонӣ дар ҷояшон боқӣ мондаанд, яъне ҷояшонро дигар накардаанд; баръакси *аллохтон.*

**АВУА́Р**, [< фр. avoir моликият, сарват]. *мол.* **1**. Пулгузории шахсони алоҳида ва муассисаҳо дар бонкҳо. **2**. Маблағҳои бонк бо асъори хориҷӣ дар бонкҳои хориҷӣ. **3**. Маблағҳои пулӣ, чекҳо, векселҳо, пулгузарониҳо, *аккредитивҳо* ва дороиҳои (активҳои) дигаре, ки барои пардохтҳои гуногун, аз ҷумла пардохти қарзҳо истифода мешаванд.

**АГА́МА**, [< лот. Agamidae номи маҳал]. *зоол.* Ҳайвоне аз оилаи калтакалосҳо (зиёда аз 300 намуд).

**АГА́МИЯ**, [< юн. agamia]. **1**. *антр. этн.* Беиздивоҷӣ. **2**. *биол.* Вуҷуд надоштани ҷинс.

**АГА́Р-АГА́Р**, [< мал. agar-agar]. Ширaи беранг ё зардчатоби сахте, ки аз баъзе обсабзҳо гирифта мешавад; дар саноати қаннодӣ, инчунин барои парвариш намудани ҳуҷайраҳо ва микроорганизмҳо (*бактерияҳо*) ба кор меравад.

**АГА́Т**, [ол. Agat < юн. achates]. Ақиқ, ақиқи яманӣ; санги нимқиматбаҳое, ки барои тайёр кардани асбобҳои ороишӣ, инчунин дар техника истифода бурда мешавад.

**АГА́ТИС**, [англ. agathis]. *бот*. Навъи дарахти сӯзанбарг, ки дар Осиёи Ҷанубӣ-Шарқӣ, Австралияи Шимолӣ ва Зеландияи Нав мерӯяд (20 намуд).

**АГГЛЮТИНА́ЦИЯ (АГГЛЮТИНА́ТСИЯ)**, [лот. agglutination пайвастшавӣ]. **1**. *збш*. Усули калимасозӣ бо роҳи ба реша ё асоси калима ҳамроҳ намудани *аффиксҳои* грамматикӣ, мас., китоб – китобҳо – китобӣ – китобхон ва ғ. **2**. *физиол*. Часпидан ва аз моддаҳои ҳалнашудаи гомогеннӣ ҷудо гардида, таҳшин шудани микробҳо, инчунин эритроситҳо ва дигар унсурҳои ҳуҷайрагӣ; вокуниши А. барои муайян кардани гурӯҳи хун, инчунин барои мушаххас намудани барангезандагони бемориҳои сироятӣ истифода бурда мешавад.

**АГГЛЮТИНИ́НҲО**, [лот. agglutinare пайваст кардан]. *физиол*. Моддаҳои махсусе, ки дар организми инсон ва ҳайвонот бо таъсири моддаҳои барои организм бегона (*антигенҳо*) пайдо мешаванд.

**АГГРАВА́ТСИЯ (АГГРАВА́ЦИЯ)**, [лот. aggravatio безобитагӣ]. *тиб*. Вазнинии бемории худро қасдан ё бешуурона аз будаш зиёд карда нишон додани бемор.

**АГЕ́ВЗИЯ, АГЕ́ВСТИЯ**, [< юн. a… не, бе + geusis таъм]. *тиб*. Қисман ё пурра гум шудани ҳисси зоиқа; дарк карда натавонистани таъм.

**АГЕНЕЗИ́Я**, [< юн. a… не, бе + генезис]. *тиб*. Ҳаммаънои *аплазия*, яъне адами модарзодии ягон қисм ё узви бадан.

**АГЕ́НТ**, [< лот. agens амалкунанда]. **1**. Намоянда, вакил; шахсе ки бо супориши касе ё муассисае амал мекунад; шахсе, ки аз ҷониби касе, муассисае, корхонае барои иҷрои ин ё он супориши хизматӣ ваколатдор шудааст, мас., А.-и суғурта, А.-и амволи ғайриманқул. **2**. Корманди разведка, контрразведка, хадамоти ҷустуҷӯӣ ё хазинадорӣ; ҷосус. **3**. Шахс, гурӯҳ ё ҷамъияте, ки ба манфиати шахс, гурӯҳ ё ташкилоти дигар кор мекунад ва идеяҳои онҳоро амалӣ менамояд. **4**. Омиле, ки ин ё он зуҳуротро (дар табиат, организм ва ғ.) ба вуҷуд меорад.

**АГЕНТӢ**, [< лот. agens амалкунанда]. **1**. Ташкилоте, ки супоришҳои муайяни муассисаҳо ё шахсони алоҳидаро иҷро мекунад, мас., А.-и никоҳ. **2**. Муассисае, ки бо ҷамъоварӣ, коркард, тафтиш ва нашри иттилоот дар ВАО машғул мебошад, мас., А.-и иттилоотӣ; **3**. Намояндагӣ, шӯъбаи маҳаллии ин ё он муассиса.

**АГЕНТУ́РА**, [ол. Agentur < лот. agens амалкунанда]. **1**. Шабакаи *агентҳо* (ба маънои 2-юм), ки бо мақсади ҷамъоварии маълумотҳои махфӣ ва хаpобкориҳо ташкил шудааст. **2**. Маҷмӯи агентҳои (ба маънои 1-ум) ягон муассиса, корхона ё ташкилот.

**АГЕРА́ТУМ**, [лот. Ageratum]. Растании ороишӣ аз оилаи мураккабгулҳо (тақр. 40 намуд); дар минтақаҳои тропикӣ ва субтропикии Амрико мерӯяд.

**АГИОГРА́ФИЯ**, [< юн. hagios муқаддас + *графия*]. Як навъ адабиёти калисоӣ, ки саргузашти шахсони табаррук, муқаддас, авлиёву анбиёро тасвир мекунад.

**АГИТА́ТОР**, [< лот. agitator ҳайкунандаи чорпоён, галабон]. Ташвиққунанда, ташвиқотчӣ, таблиғкунанда, мубаллиғ.

**АГИТА́ТСИЯ (АГИТА́ЦИЯ)**, [< лот. agitatio ба ҳаракат овардан, рӯҳбаланд кардан]. **1**. Ташвиқ, ташвиқот; паҳн намудани ғояҳо бо мақсади таъсир расондан ба шуур, рӯҳия ва фаъолияти ҷамъиятии одамон бо ёрии суханрониҳо дар байни мардум ё ба тавассути ВАО. **2**. Фаъолияте, ки мақсад аз он бовар ё моил кунондани касе ба чизе мебошад.

**АГЛИКО́Н,** [англ. aglycone]. *хим*. Боқимондаи пайвасти органикӣ, ки якҷоя бо *карбогидрат* (ангиштоб) молекулаи *гликозидро* ҳосил мекунад.

**АГЛОМЕРА́Т**, [< лот. aglomeratus ҳамроҳшуда, ғуншуда]. **1**. *геол*. Тӯдаи ҷинсҳои кӯҳии таҳшиншуда ё маҳсули фаъолияти вулқонҳо. **2**. Маъдани хока ё ғуборшакли гудохташуда. **3**. *демогр*. Ба як шаҳри калон ҳамроҳ шудани якчанд шаҳр ва маҳалли аҳолинишин ва робитаҳои умумии истеҳсолӣ, меҳнатӣ ва фарҳангию маишӣ пайдо кардани онҳо. || Мқс. мегаполис.

**АГЛОМЕРА́ТСИЯ (АГЛОМЕРА́ЦИЯ)**, [< лот. aglomeratus ҳамроҳшуда, ғуншуда]. **1**. *маъд*. Усули ба лундаҳо табдил додани маъданҳои хока барои беҳтар намудани хусусиятҳои металлургии он. **2**. Ба шаҳр ҳамроҳ шудани маҳалҳои атрофи он.

**АГНА́ТҲО**, [< юн. а… не, бе + gnathos ҷоғ]. *биол*. Беҷоғҳо; мӯҳрадорони беҷоғи моҳишакл, ки дар давраи *палеозой* зиндагӣ мекарданд.

**А́ГНИ**, [ҳинд. қад.]. Дар дини ҳиндуия – худои оташ, гулхани қурбонисӯзӣ, оташи оташдони хона.

**АГНИҲО́ТРА**, [ҳинд. қад.]. **1**. Қурбонӣ кардан ва дар оташи муқаддас сӯзондани қисмҳои бадани ҳайвонот ё растаниҳои қурбонишуда. **2**. Маросими сӯзондани (*криматсияи*) ҷасад.

**АГНО́ЗИЯ**, [< юн. а… не, бе + gnosis дониш, маърифат]. *тиб*. Вайроншавии фаъолияти қишри мағзи сар, ки бо нашинохтани ашё ва ҳодисаҳо, инчунин бо суст шудани қувваи босира, сомеа ва дигар узвҳои ҳис зоҳир мегардад. || Мқс. аменсия, амнезия.

**АГНО́СТИК**, [< юн. agnostos донистанашаванда, даркнашаванда]. *фалс*. Пайрави *агноститсизм*. Ин истилоҳро табиатшиноси англис Т.Г. Гексли соли 1869 ба илм ворид намудааст.

**АГНОСТИТСИ́ЗМ (АГНОСТИЦИ́ЗМ),** [англ. agnosticism < юн. agnostos донистанашаванда]. *фал*. Таълимоти фалсафие, ки донисташаванда будани олами объективӣ ва қонуниятҳои онро инкор мекунад. || Мқс. пирронизм, скептисизм.

**АГОМОГО́НИЯ**, [< юн. agamos бе издивоҷ + gomos зоиш]. *биол.* Бе издивоҷ, яъне бе иштироки ҳуҷайраҳои ҷинсӣ афзоиш ёфтани организм бо роҳи тақсимшавии ҳуҷайраҳо, муғчабандӣ ва ғ.

**АГО́НИЯ**, [< юн. agonia мубориза]. **1**. Ҳолати пешазмаргии организм. **2**. *маҷ.* Ҳолати ин ё он чиз пеш аз фаношавӣ, нестшавӣ, таназзул, мас., А.-и диктатура.

**АГО́Р, АГО́РА,** [< ивр. қад.]. Пули майдаи Исроил, ки ба 0,01 шекел баробар аст.

**АГОРА́**, [< юн. agora]. **1**. Маҷлиси халқӣ Дар Юнони Қадим. **2**. Ҷои чунин маҷлис – одатан саҳни бозорҳо ё майдоне, ки дар атрофаш маъбадҳо, муассисаҳои давлатӣ, дӯконҳои тоҷирон воқеъ шудаанд. **3**. Он ҷои майдон, ки мурофиаи суд барпо мешуд. || Мқс. форум.

**АГОРАФО́БИЯ**, [< юн. agora + *…фобия*]. *тиб.* Тарс аз ҷойҳои кушод, яке аз намудҳои *психоневроз*.

**АГРАМА́НТ**, [< фр. agrements зинат, ороиш]. Тӯрбофии нақшини пироҳан, ҳошияи парда ва ғ.

**АГРАНУЛОСИТО́З (АГРАНУЛОЦИТО́З)**, [< а… + *гранулоситҳо*]. *физиол.* Дар хун кам ё нест шудани гранулоситҳои (ғурӯшаситҳои) нейтрофилӣ; ба гулӯдард (ангина), хунравӣ, вараҷа, некрози луобпардаи ковокии даҳон, *сепсис, стоматит* бурда мерасонад; алейкия низ гӯянд.

**АГРАНУЛОСИ́ТҲО (АГРАНУЛОЦИ́ТҲО)**, [< а… + *гранулоситҳо*]. *физиол.* Лейкоситҳое, ки бар хилофи *гранулоситҳо* дар ситоплазма ғурӯшаҳо (гранулаҳо) надоранд; ба А. *лимфоситҳо* ва *моноситҳо* дохил мешаванд.

**АГРА́РИЙ**, [< лот. agrarius мансуб ба замин]. **1**. Заминдори калон. **2**. Аъзои ҳизби аграрӣ дар парламент, ки манфиати заминдоронро ҳимоя мекунанд.

**АГРАРӢ**, [< лот. agrarius]. Мансуб ба замин, кишоварзӣ, зироаткорӣ.

**АГРАФИ́Я**, [< юн. а… бе, не, но + grapho менависам]. *тиб.* Қисман ё пурра нест шудани қобилияти хатнависӣ дар натиҷаи баъзе бемориҳои мағзи сар. || Мқс. алалия, алексия.

**АГРЕГА́Т**, [< лот. aggregatus пайвастшуда]. **1**. Барои кори якҷоя муттаҳид ё пайваст кардани якчанд мошини гуногун. **2**. Қисми ягон мошин, ки барои иҷрои амалиёти муайян таъйин шудааст ва онро бо ҳамин гуна қисми дигар пурра иваз кардан мумкин аст (мас., муҳаррик ё суръатбардори автомобил). **3**. Пайвастшавии якчанд минерал, ки ҷинси кӯҳӣ ё минерали ҷудогонаро ташкил мекунанд. || Мқс. конгломерат.

**АГРЕЖЕ́**, [< фр. agrege қабул кардан]. Дар Фаронса шахсе, ки барои ишғол намудани вазифаи омӯзгори литсей ё мактаби олӣ аз озмун гузаштааст, инчунин унвони илмии омӯзгорони мактабҳои миёна, ки барои дарс додан дар донишгоҳ ҳуқуқ медиҳад.

**АГРЕМА́Н**, [< фр. agrement маъқул донистан, розӣ шудан]. Розигии ҳукумати як давлат барои дар мамлакати худ қабул кардани намояндаи дипломатии давлати дигар.

**АГРЕССИВӢ**, [< фр. agressif]. **1**. Ҳамлагарона, ҷангҷӯёна, таҷовузгарона, мас., сиёсати А. **2**. Душманона, бадбинона, хатарзо, мас., рафтори А.

**АГРЕССИ́НҲО**, [лот. aggredir ҳуҷум кардан]. *биол., тиб.* Моддаҳое, ки дар рафти фаъолияти ҳаётӣ ё ҳангоми таҷзияи бактерияҳои бемориовар ҷудо мешаванд; А. боиси пӯсидани бактерияҳо дар организм ва паст шудани масуният мегарданд.

**АГРЕ́ССИЯ**, [< фр. agression ҳамла, ҳуҷум]. **1**. Таҷовуз; ҳамлаи мусаллаҳонаи як ё якчанд давлат ба мамлакати дигар бо мақсади забт намудани он; мувофиқи Оинномаи СММ ҷинояти вазнинтарини байналмилалӣ ба шумор меравад. **2**. Умуман ҳама гуна ҳуҷуми ғайриқонунӣ ба одам ё гурӯҳи одамон ва тасарруф намудани замин ва моликияти онҳо.

**АГРЕ́ССОР**, [< фр. agression ҳамла, ҳуҷум]. Таҷовузкор, истилогар, тарафи ҳуҷумкунанда, оташдиҳандаи ҷанг.

**АГРИКУЛТУ́РА (АГРИКУЛЬТУ́РА)**, [< лот. agricultura]. Зироаткорӣ, кишоварзӣ, деҳқонӣ.

**АГРО**..., [< лот. ager замин]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки замин, зироат, кишоварзиро ифода мекунад, мас., агрохимия, агротехника.

**АГРОБАКТЕ́РИЯҲО**, [*агро... + бактерияҳо*]. Бактерияҳои ҳавоие (аэробие), ки бештар дар қабати ба реша наздики растаниҳо (ризосфера) зиндагӣ мекунанд ва боиси пайдо шудани омоси растаниҳо мегарданд.

**АГРОБИ́ЗНЕС**, [*агро... + бизнес*]. Соҳаи иқтисоди бозорӣ, ки бо истеҳсол, коркард, нигоҳдорӣ ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ алоқаманд мебошад.

**АГРОБИОТСЕНО́З (АГРОБИОЦЕНО́З)**, [*агро... + биотсеноз*]. *биол.* Растаниҳо, ҳайвонот ва микроорганизмҳое, ки инсон бо мақсади гирифтани маҳсулоти кишоварзӣ парвариш мекунад.

**АГРОКЛИМАТОЛО́ГИЯ**, [*агро... + климатология*]. Соҳаи иқлимшиносӣ, ки иқлимро чун омили истеҳсолоти кишоварзӣ тадқиқ мекунад.

**АГРОКУЛТУ́РА (АГРОКУЛЬТУ́РА)**, [лот. agricultura зироатпарварӣ, кишоварзӣ]. Маҷмӯи тадбирҳое, ки ба беҳтар намудани роҳу усулҳои зироатпарварӣ равона гардидаанд.

**АГРОМЕТЕОРОЛО́ГИЯ**, [*агро... + метеорология*]. Илме, ки таъсири иқлим ва обу ҳаворо ба истеҳсолоти кишоварзӣ меомӯзад.

**АГРОНО́М**, [ол. Agronom]. Мутахассиси соҳаи *агрономия*.

**АГРОНО́МИЯ**, [ол. Agronomie]. Маҷмӯи илмҳои бо якдигар алоқаманд оид ба парвариши зироатҳои кишоварзӣ; агрофизика, агрохимия, растанипарварӣ,

тухмипарварӣ, мелиоратсияи кишоварзӣ, тухмишиносӣ, фитопатология ва энтомологияи кишоварзиро дар бар мегирад.

**АГРОТЕ́ХНИКА**, [*агро… + техника*]. Технологияи растанипарварӣ, низоми парвариши зироат, ки аз амалҳои зерин иборат аст: киштгардон, нарм кардани замин, андохтани нуриҳо, коркарди тухмӣ пеш аз кишт, кишт ва нигоҳубини растаниҳо, нест кардани алафҳои бегона, мубориза бо зараррасонҳо, ҷамъоварии ҳосил.

**АГРОФИ́ЗИКА**, [*агро… + физика*]. Илме, ки равандҳои физикии таркиби хок, қабати наздихокии ҳаво, растаниҳо, инчунин шароитҳои парвариши зироатҳои кишоварзӣ ва тарзу воситаҳои танзими ин шароитҳоро тадқиқ мекунад.

**АГРОХИ́МИЯ**, [*агро… + химия*]. Илме, ки ғизои растаниҳо, истифодаи нуриҳо, воситаҳои химиявии муҳофизати растаниҳо ва обёрии заминро таҳқиқ менамояд.

**АГУ́ТИ**, [исп. aguti]. *зоол*. Харгӯши кӯзапушт; дарозиаш то 0,6 м; пӯсташ тиллоранг ва баъзан хокистарранг буда, думи кӯтоҳ дорад; дар бешаҳои тропикии Амрикои Ҷанубӣ ва Марказӣ зиндагӣ мекунад.

**АДА́ЖИО**, [< ит. adagio суст]. **1**. Суръати сусти иҷрои асари мусиқӣ. **2**. Асари мусиқӣ ё порае аз он, ки бо чунин суръат иҷро карда мешавад. Мас., А. аз балети Чайковский «Кӯли қувон».

**АДАМАНТА́Н**, [< юн. adamantos алмос]. Кристаллҳои органикии беранг, ки бӯйи кофур мекунанд; сохти молекулаҳояш ба сохти молекулаҳои алмос монанд аст.

**АДАМИ́ТҲО**, [< фр. Adamite]. Пайравони мазҳаби протестантӣ, ки ҳама гуна маросимҳои калисоӣ ва моликияти хусусиро инкор мекунанд.

**АДАМСИ́Т**, [англ. adamsite]. Моддаи органикии кристаллии зард; дар охири ҷанги якуми ҷаҳон ба сифати моддаи заҳролудкунанда истифода шуда буд (роҳҳои болоии нафасро хароб мекунад).

**АДАПТА́ТСИЯ (АДАПТА́ЦИЯ)**, [< лот. adaptatio мутобиқ, созгор]. **1**. Мутобиқ шудани (одат кардани) организм ва узвҳои ҳис ба шароити муҳит. **2**. Барои омӯзандагони забонҳои хориҷӣ, одамони камсавод ва кӯдакон мувофиқ кардани матн. **3**. А. и ҷ т и м о ӣ – раванди ҳамамалии шахс ё гурӯҳи одамон бо муҳити ҷамъиятӣ. **4**. А. ф и з и о л о г ӣ – маҷмӯи хусусиятҳои рафторӣ ва популятсионии намуди биологӣ, ки ба зиндагонии фард дар шароитҳои муайяни муҳит имконият медиҳанд.

**АДА́ПТЕР**, [< лот. adaptare мутобиқ кардан]. **1**. Васлак; асбобе, ки ду нӯги (*вилкаҳои*) бо якдигар мувофиқатнакунандаи ноқилро бо якдигар пайваст мекунад. **2**. Овозгир – асбоби электромеханикие, ки лаппишҳои механикии сӯзанро (ҳангоми хондани (шунавондани) қарта дар патефон) ба лаппишҳои электрикии басомади овозӣ табдил медиҳад. **3**. Кассетаи иловагии асбоби суратгирӣ барои истифодаи маводи ғайристандартии ба рӯшноӣ ҳассос.

**А ДА́ТО**, [ит. a dato]. Аз рӯзи имзо.

**АДВЕ́КСИЯ (АДВЕ́КЦИЯ)**, [< лот. advectio овардан]. Ҷойивазкунии уфуқии ҳаво ва якҷоя бо он намӣ, чангу ғубор ва гармӣ аз як минтақаи Замин ба минтақаи дигари он. || Мқс. конвексия.

**АДВЕНТИВӢ**, [< лот. adventicus аз берун омада, бегона]. *бот.* **1**. Р а с т а н и и  А . – растание, ки одам, шамол, об, ҳайвонот ва ғ. ба маҳалле овардааст, ки он пештар дар он ҷо намерӯид. **2**. У з в и  А . – он узви растанӣ, ки на аз бофтаҳои ҷанинии нуқтаи сабзиш, балки аз қисмҳои кӯҳнаи растанӣ нумӯ карда, дар ҷойҳои ғайримуқаррарӣ инкишоф меёбад.

**АДВЕНТИ́СТҲО**, [< лот. adventus омадан, зуҳур]. Пайравони мазҳаби насоро, ки ба «дуюмин маротиба зуҳур кардани Исо» бовар доранд; А. ба чандин шоха ҷудо мешаванд, ки яке аз онҳо «адвентистҳои рӯзи ҳафтум» мебошанд ва рӯзи истироҳати онҳо рӯзи шанбест.

**АДВЕРТА́ЙЗИНГ**, [англ. advertising]. Ниг. *реклама*.

**АДВО́КАСИ**, **ЭДВО́КАСИ**, [англ. advocacy < лот. advocatus ба ёрӣ даъват кардан]. **1**. Дастгирӣ. **2**. Чорабинӣ барои ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои гурӯҳҳои муайяни иҷтимоӣ бо роҳи таъсиррасонӣ ба муассисаю ташкилотҳои давлатие, ки қонун ё қарор қабул мекунанд. **3**. Додани ҳуқуқи овоздиҳӣ ба одамоне, ки одатан ҳуқуқи овоздиҳӣ надоранд. **4**. Чорабинии таблиғотӣ ё ҳимоятгарӣ.

**АДВОКА́Т**, [ол. Advokat < лот. advocatus ба ёрӣ даъват кардан]. **1**. Ҳимоятгар; шахсе, ки ба шаҳрвандон ва ташкилотҳо ёрии ҳуқуқӣ мерасонад, инчунин дар суд манфиатҳои онҳоро ҳимоя мекунад. **2**. *маҷ.* Шахсе, ки ягон касро ҳимоя ё ҷонибдорӣ мекунад.

**АДВОКАТУ́РА**, [ол. Advokatur < лот. advocatus ба ёрӣ даъват кардан]. **1**. Ташкилоти худидоракунандаи ихтиёрии (ассотсиатсияи, коллегияи) адвокатҳо. **2**. Кормандони ин ташкилот, адвокатҳо. **3**. Фаъолияти адвокат.

**АДГЕ́ЗИЯ**, [< лот. adhaesio часпидан]. *физ.* Ба якдигар часпидани ду ҷисми гуногунҷинси сахт ё моеъ.

**АДДЕ́НДУМ**, [< лот. addere илова кардан]. **1**. Замима, илова ба китоб, ки онро аддента низ меноманд. **2**. Замима ба шартнома, мас., ба *чартер*, ки ин ё он шарти шартномаро тағйир медиҳад ё пурра мекунад.

**АДДИТИВӢ**, [< лот. additio илова кардан, ҳамроҳ намудан]. *мат.* Бо роҳи ҷамъ ҳосилшаванда.

**АДДУ́КТОР**, [< лот. adducere наздик кашидан, наздик кардан]. *анат.* Мушаки наздиккунанда; мушаки муқарриб. || Мқс. абдуктор, флексор, экстензор

**АДДУ́КСИЯ (АДДУ́КЦИЯ)**, [< лот. adducere ба ҳаракат овардан]. *анат.* Ба хати миёнаи бадан овардани дасту по; муқобили *абдуксия*. || Мқс. флексия, экстензия.

**АДЕКВАТӢ**, [< лот. adaequatus баробаркардашуда]. Комилан монанд, шабеҳ, мувофиқ, якхела.

**АДЕНИ́Н**, [< юн. aden ғадуд]. Яке аз 4 «ҳарф»-и генетикие, ки дар ҳамаи организмҳои зинда дар таркиби кислотаҳои нуклеинӣ, *аденозинфосфат*, баъзе *коферментҳо* ва дигар моддаҳои муҳими биологӣ вуҷуд дорад.

**АДЕНИ́Т**, [< юн. aden ғадуд]. *тиб.* Варами лимфагиреҳҳо; *лимфаденит* низ гӯянд.

**АДЕНОВИ́РУСҲО**, [< юн. aden ғадуд + *вирусҳо*]. *тиб.* Вирусҳои дорои КДН (ДНК), ки боиси бемориҳои аденовирусии одамон ва ҳайвонот – осеби луобпардаҳои чашм ва рӯда мегарданд.

**АДЕНОИДӢ**, [< юн. aden ғадуд + eidos намуд]. *тиб.* Б о ф т а и А . – бофтаи пайвасткунанда, ки асоси лимфагиреҳҳоро ташкил медиҳад.

**АДЕНО́ИДҲО**, [< юн. aden ғадуд + eidos намуд]. *тиб.* Варами ғадудҳои бодомшакли пешгоҳи ком.

**АДЕНО́МА**, [фр. adenoma < юн. aden ғадуд]. *тиб.* Варами некфарҷом дар бофтаҳои ғадудҳои гуногун. || Мқс. ангиома, атерома, бластомаглиома, киста, миелома, саркома, фиброма.

**АДЕНТИ́Я**, [а… + лот. dens дандон]. Вуҷуд надоштани ҳамаи дандонҳо ё қисми зиёди дандонҳо дар натиҷаи вайроншавии раванди ташаккули ҷанинҳои дандонӣ дар давраи ҷанинӣ.

**АДЕ́ПТ**, [фр. adepte ҷонибдор, пайрав]. Ҷонибдор, пайрави ин ё он ақида, равия, мазҳаб, таълимот.

**АДЗУ́КИ**, [яп.]. Як навъ лӯбиёи японӣ.

**АДИДА́С**, [ол. Adidas]. Ширкати саноатии Олмон, ки бо истеҳсол ва фурӯши пойафзол, либос ва таҷҳизоти варзишӣ мешғул мебошад.

**АДИНАМИ́Я**, [< юн. adynamia заифӣ, бемадорӣ]. *тиб.* Сустӣ, заифии мушакҳо (аз пирӣ, беморӣ, гуруснагӣ ва ғ.). || Мқс. акинезия, гиподинамия, гипокинез, гипокинезия.

**АДИ́ТИ**, [< санск. aditi фалак, кайҳон]. Дар дини ҳиндуёни қадим – эзиди кайҳон; модари эзидҳо.

**АДМИНИСТРА́ТОР**, [< лот. administrator идоракунанда]. Маъмур, мудир, идоракунанда.

**АДМИНИСТРА́ТСИЯ (АДМИНИСТРА́ЦИЯ)**, [< лот. administratio идора кардан, роҳбарӣ намудан]. **1**. Мақоми иҷроияи ҳокимият. **2**. Маъмурият; шахсони мансабдори мақоми идоракунӣ. || Мқс. дирексия.

**АДМИРА́Л**, [англ. admiral < ар. амир-ал-баҳр]. **1**. *ҳарб.* Рутбаи олии ҳайати фармондеҳии қувваҳои ҳарбии баҳрӣ, инчунин шахсе, ки чунин рутба дорад. **2**. *зоол.* Шапалак аз оилаи *нимфалидҳо*, рангаш сурхи сиёҳтоб, доғҳои сафед дорад, болҳояш то 5-6 см; дар Аврупо ва Осиё дучор мешавад, ба зироатҳо зарар намерасонад.

**АДНЕКСИ́Т**, [< лот. adnexa узви изофӣ]. *тиб.* Варами узвҳои изофии бачадон (найчаҳои бачадон ва тухмдон), ки бо таъсири гоно-, стафило- ё стрептококкҳо, инчунин микробҳои чӯбчашакли рӯда пайдо мешавад.

**АДО́БА**, [< исп. adobe]. Хишти хоми коҳдор.

**АДО́НИС**[1], [юн. Adonis]. **1**. Дар асотири Юнон ва Рими қадим – худои ҳосилхезии замин, инчунин худои набототи миранда ва эҳёшаванда; Адонисро дар шакли ҷавони зебо тасаввур мекарданд. **2**. *маҷ.* Ҷавони зебо. || Мқс. Апполон.

**АДО́НИС**[2], [юн. Adonis]. *бот.* Растанӣ аз оилаи чиноракҳо; шираи яке аз намудҳои адонис – адрасмон барои табобати бемориҳои дилу раг истифода мешавад.

**АДОПТА́НТ,** [< лот. adoptatio]. *ҳуқ.* Шахсе, ки фарзанди шахси дигареро писархонд (духтархонд) кардааст.

**АДОПТА́ТСИЯ (АДОПТА́ЦИЯ)**, [< лот. adoptatio]. *ҳуқ.* Писархонд (духтархонд) кардан.

**АДОРА́ТСИЯ**, [< лот. adoratio]. Ихлосмандӣ, парастиш. || Мқс. респект, пиетет, фетишизм.

**АДРЕНАЛИ́Н**, [< лот. ad… дар назди + renalis гурдагӣ]. *тиб. Медиатори* системаи асаби сардхунҳо, гормони қабатимағзии ғадудҳои болои гурдаи ҳайвонот ва одам ё мушобеҳи (аналоги) сунъии он; дар организм мубодилаи моддаҳоро метезонад, миқдори қандро дар хун зиёд мекунад, фишори хунро баланд мебардорад (рагҳои хурди хунгардро танг мекунад). Чун дору дар табобати зиққи нафас (астмаи бронх), хунравӣ ва пастфишорӣ истифода бурда мешавад.

**АДРЕНАЛӢ**, [< лот. ad… дар назди + renalis гурдагӣ]. *тиб.* Мансуб ба ғадудҳои болои гурда; системаи А. – маҷмӯи ҳуҷайраҳои моддаи мағзии ғадудҳои болои гурда, гиреҳҳо ва бофтҳои симпатие, ки *адреналин* ва *норадреналин* ҳосил мекунанд.

**АДРЕНЕРГӢ**, [< лот. ad… дар назди + renalis гурдагӣ + ergon таъсир]. *тиб.* Ба адреналин ҳассос, аз ҷониби адреналин ангезишёбанда.

**А́ДРЕС**, [фр. adresse]. **1**. Суроға; ҷойи истиқомати шахс ё ҷойи воқеъшавии муассиса, ташкилот. **2**. Табрикнома ба касе ё ба муассисае ба муносибати ин ё он ҷашн. **3**. Дар техникаи ҳисоббарор аломатҳои рамзии майдони хотира, ки дар он маълумотҳои зарурӣ ҷойгир карда мешаванд. **4**. Адреси почтаи электронӣ – маҷмӯи рақамҳо, аломатҳо ва ҳарфҳои лотинӣ, ки ба тавассути он қуттии электронии почтаро дар *сервери* адресат мекушоянд; унсури ҳатмии чунин А. аломати @ (ба истилоҳ «сагча») мебошад, ки дар тарафи чапи он номи (*логини*) инфиродии *адресат*, дар тарафи рости он бошад, номи сервери ӯ ҷойгир шудааст. **5**. А. дар Интернет – маҷмӯи рақамҳо, аломатҳо ва ҳарфҳои лотинӣ, ки аз рӯи он барномаи компютерӣ (*браузер*) дар шабака *сайти* (ҷойи) даркориро меёбад.

**АДРЕСА́НТ**, [ол. Adressant < фр. adresse]. Фиристонандаи муросилоти почтавӣ, электронӣ ё телеграфӣ.

**АДРЕСА́Т**, [ол. Adressat < фр. adresse]. Гирандаи муросилоти почтавӣ, электронӣ ё телеграфӣ.

**АДРО́НҲО**, [< юн. adros зӯр, пурқувват]. *физ*. Номи умумии зарраҳои элементарии ба якдигар сахт таъсиркунанда (*барионҳо ва мезонҳо*).

**АДСОРБЕ́НТ**, [< лот. ad… дар назди + sorbentus ҷаббанда]. *хим*. Ҷисме, ки дар сатҳи он *абсорбсия* рӯй медиҳад. || Мқс. абсорбент, геттер, сорбент.

**АДСО́РБСИЯ (АДСО́РБЦИЯ)**, [< лот. ad… дар назди + sorbere ҷаббидан, фурӯ бурдан]. *хим*. Дар қабати рӯи моддаи дигар дармондани ягон моддаи газшакл ё маҳлул; аз маҳлул ё газ ин ё он моддаро ҷаббида гирифтани моеъ ё ҷисми сахт. || Мқс. абсорбсия.

**АДСТРА́Т**, [< лот. ad… дар назди + stratum қабат, фарш]. *збш*. **1**. Яке аз шаклҳои дузабонӣ (*билингвизм*); бо таъсири забони бегона ба забони мардуми таҳҷоӣ ба вуҷуд меояд. **2**. Забони махлуте, ки бо таъсири як забон ба забони дигар дар натиҷаи муоширату равобити бисёрсолаи халқҳои бо ин забонҳо гапзананда пайдо мешавад.

**АДЪЕ́КТИВ**, [< лот. adjicere ҳамроҳ кардан]. *збш*. Сифат (ҳиссаи нутқ).

**АДЪЕ́КТИВАТСИЯ (АДЪЕ́КТИВАЦИЯ)**, [< лот. adjectivum сифат]. *збш*. Ба сифат табдил ёфтани ҳиссаҳои дигари нутқ; мас., сифати «хиштӣ» дар натиҷаи А.-и исм («хишт») пайдо шудааст.

**АДЪЮ́НКТ**, [< лот. adjunctus ҳамроҳшуда]. **1**. Аспиранти мактаби олии ҳарбӣ. || Мқс. интерн, ординатор. **2**. Дар Россияи тоинқилобӣ ва баъзе мамлакатҳои дигар – ёвари профессор, ки дар муассисаи илмӣ вазифаи хурди илмиро ишғол менамояд. || Мқс. ассистент.

**АДЪЮНКТУ́РА**, [< лот. adjunctus ҳамроҳшуда]. Дар баъзе мамлакатҳо яке аз шаклҳои асосии тайёр кардани кадрҳои илмию омӯзгорӣ барои муассисаҳои таълимӣ ва пажӯҳишгоҳҳои Қувваҳои Мусаллаҳ; ба аспирантураи мактаби олии ғайриҳарбӣ монанд аст; шахсоне, ки А.-ро хатм намуда, рисола ҳимоя кардаанд, соҳиби унвони номзади илм мешаванд.

**АДЪЮТА́НТ**, [ол. Adjutant < лот. adjutans дастёр, мададгор, ёвар]. **1**. Афсаре, ки тобеи сардори ҳарбӣ буда, супоришҳои ӯ ва корҳои ситодро (штабро) иҷро мекунад. **2**. Дар ситоди артиши Россияи подшоҳӣ мансаби афсаре, ки вазифаи коргузориро (дафтардориро) иҷро мекард. **3.** Мансабе дар дарбори подшоҳ (монарх); г е н е р а л - А . – генерале, ки дар дарбори подшоҳ вазифаи А.-ро иҷро мекунад.

**АДИ́ГҲО (АДЫ́ГҲО)**, [кавказӣ]. Номи умумии қабилаҳои дар гузашта сершумори Кавкази Шимолӣ; ба А. адигейҳо, қабардинҳо ва черкесҳои имрӯза дохил мешаванд.

**АДЮЛТЕ́Р (АДЮЛЬТЕ́Р)**, [фр. adultere < лот. adulter бевафо, фосиқ]. Хиёнати зан ба шавҳар ё шавҳар ба зан.

**АЖА́Н**, [фр. agent de polise корманди полис]. Хизматчии полис дар Фаронса. || Мқс. полисмен, бобби, коп.

**АЖИОТА́Ж**, [фр. agiotage]. **1**. *мол.* Ба таври сунъӣ баланд бардоштан ё паст кардани қурби коғазҳои биржавӣ ё нархи молҳо дар биржа бо мақсади гирифтани фоида. || Мқс. бум. **2**. Ҳаёҳӯй ва ғавғою ҳангомаи сохта бо мақсади ҷалб намудани диққати одамон ба ягон чиз.

**АЖИТА́ТСИЯ (АЖИТА́ЦИЯ)**, [фр. agitation]. *кӯҳна.* Ҳаяҷони сахт.

**АЖУ́Р**, [фр. a jour то имрӯз; дутарафа]. **1**. *мол.* Дар муҳосибот чунин ҳолати баҳисобгирӣ, ки ҳамаи қайдҳои ҳисобу китоб дар рӯзи ба охир расидани амалиётҳои хоҷагӣ анҷом дода мешаванд. **2**. *маҷ.* Бе каму кост, дуруст, баҷо. **3**. Матои нафиси тӯрбофишуда. **4**. Дар заргарӣ нақшу нигор бо сим. **5**. Нақшу нигор дар асари кандакорӣ.

**АЗА́ЛИЯ**, **АЗАЛЕ́Я**, [< юн. azaleos хушк]. *бот.* Маҳингул, бӯшаҳрӣ; растании ороишӣ аз ҷинси рододендронҳо, ки гулҳои сурх, сафед ва гулобӣ дорад, баландиаш то 3 м. Бештар дар кӯҳҳои Чини Марказӣ ва Ҷанубӣ мерӯяд.

**А́ЗБУКА,** [< юн. қад. «α» алфа + «β» бета]. **1**. Алифбо; маҷмуи ҳарфҳо, ки бо тартиби муайян ва тағйирнаёбанда ҷойгир шудаанд. **2**. Алифбо; китоби одатан суратдор барои ба кӯдакон омӯзондани хондан ва навиштан. **3**. Системаи аломатҳои шартӣ дар мусиқӣ (ниг. нота).

**А́ЗИМУТ,** [англ. azimuth < ар. ас-сумут роҳ, самт, тараф]. **1**. *геод.* Кунҷи уфуқии байни самти шимолии хати тӯл (*меридиан*), ки аз нуқтаи додашуда мегузарад, ва самти предмет, инчунин самти ҳаракат, ки бо ёрии чунин кунҷ муайян карда мешавад. Кунҷи мазкур мувофиқи гашти ақрабаки соат аз 0 то 360° ҳисоб карда мешавад. **2**. *астр.* Кунҷи байни сатҳи хати тӯли нуқтаи мушоҳида ва сатҳи амудии ҷирми осмонӣ.

**АЗО́Т**, [< юн. а… не, бе + zotikos ҳаётбахш]. Элементи химиявӣ, рамзаш – N, *нитроген* низ гӯянд; гази беранг ва бебӯй, қисми таркибии ҳаво ва яке аз унсурҳои асосии ғизои растанӣ; ба нафаскашӣ ва сӯзиш ёрӣ намерасонад ва номаш аз ҳамин ҷост.

**АЗОТЕМИ́Я**, [ол. Azotamie, фр. azotemie]. *тиб.* Дар хун зиёд шудани маҳсули серазоти мубодилаи сафедаҳо.

**АЗОТУРИ́Я**, [ол. Azoturie, фр. azoturie]. *тиб.* Бо пешоб ба миқдори зиёд хориҷ шудани партови серазот (*карбамид*, кислотаи карбамид ва ғ.).

**АЗУ́**, [< турк. azuq]. Таом аз пораҳои майдаи гӯшт ва қайлаи тунд.

**АЗУЛЕ́Н**, [< фр. azur лоҷвард, нилгун]. Кристаллҳои кабуди органикӣ, ки асосан аз равғанҳои эфирии явшон, бобуна ва баъзе растаниҳои дигар тайёр мекунанд; таъсири зиддиилтиҳобӣ дорад, ба таркиби хамираҳои дандоншӯӣ ва косметикӣ дохил мешавад.

**АЗУРИ́Т**, [< фр. azur лоҷвард, нилгун]. Минерали кабуд, карбонати асосии мис; барои гудохтани мис, тайёр кардани ранги кабуд ва зоки мис ба кор бурда мешавад; лоҷварди мисӣ низ гӯянд.

**АЙ́Д**, [< юн. Aides]. **1**. Дар асотири Юнони Қадим – худои олами зеризаминӣ, ҳокими олами арвоҳ; писари Крон ва Рей, бародари Зевс ва Пасейдон; *Гадес* ва *Плутон* низ гӯянд. **2**. Олами зеризаминии мурдагон.

**АЙ́Л**, [муғ.]. **1**. *таър*. Дар мардуми муғул – гурӯҳи оилаҳои кӯчманчӣ. **2**. Дар Қирғизистон – воҳиди маъмурӣ-ҳудудии деҳотӣ; дар баъзе минтақаҳо *авул* меноманд.

**АЙ́Р**, [турк. agir < юн. akoros]. Шамшергиёҳ; алафи бисёрсола аз оилаи ароидҳо, ки дар соҳили дарёю кӯлҳо мерӯяд; решаи А. равғани эфир дорад, барои беҳтар намудани ҳазми ғизо, инчунин дар саноати атторӣ ва қаннодӣ истифода мешавад.

**АЙКИДО́**, [яп.]. Яке аз намудҳои муҳорибаи бесилоҳ, ки дар асри XX дар Япония ба вуҷуд омадааст. || Мқс. дзюдо.

**АЙКИДО́КА**, [яп.]. Шахсе, ки бо *айкидо* машғул аст; айкидочӣ.

**АЙ-КЮ (АЙ-КЬЮ)**, [англ. IQ кӯтоҳшудаи Intelligence Quotient < intelligence ақл, зеҳн, заковат + quotient нишондиҳанда]. Нишондиҳандаи (*коэффитсиенти*) инкишофи ақлӣ, ки дар натиҷаи санҷиши махсус (*тест*) муайян карда мешавад.

**АЙМА́К[1]**, [муғ. aimak]. Дар Муғулистон, Бурятия ва Олтойи Кӯҳӣ – воҳиди маъмурию ҳудудӣ, ноҳия.

**АЙМА́К[2]**, [англ. iMac]. Ниг. *Макинтош* (маънои 2).

**АЙПА́Д, АЙПЕ́Д** [англ. iPAD]. Тамғаи интернет-планшет, ки ширкати Apple истеҳсол мекунад.

**АЙ ПИ**, [англ. I.P. < Internet + Protocol]. Номи мухтасари интернет-протокол – барномаи компютерие, ки ба воситаи он *браузер* аз *вебсервер* иттилоотро қабул мекунад.

**АЙРО́Н**, [турк]. Нӯшокии ташнагишикани ширӣ, ки ба ҷурғот монанд аст. || Мқс. кефир.

**АЙРШИ́Р**, [аз номи музофоти графии Ayrshire дар Шотландия]. Зоти гови ширдеҳ, ки дар Шотландия ба вуҷуд оварда шудааст.

**А́ЙСБЕРГ**, [англ. iceberg]. Пиряхи азими шиновар, ки қисми калони он (то 90%) дар зери об воқеъ аст.

**АЙСБО́РДИНГ**, [англ. ice boarding < ice ях + board тахта]. Бозии варзишӣ – чанасаворӣ дар рӯи ях.

**АЙС-ГОЛФ (АЙС-ГОЛЬФ),** [англ. ice golf < ice ях + golf голф]. *варз*. Голфи (ниг. *голф*) рӯи ях.

**АЙС-ДА́ЙВЕР,** [англ. ice diver < ice ях + dive ғӯта задан]. Шахсе, ки бо айс-дайвинг машғул аст.

**АЙС-ДА́ЙВИНГ,** [англ. ice diving < ice ях + dive ғӯта задан]. *варз.* Шиноварӣ дар зери ях; дайвинги (ниг. *дайвинг*) зерияхӣ.

**АЙС-КО́ФЕ**, [англ. ice coffe < ice ях + coffe қаҳва]. Яхмосқаҳва; нӯшокие, ки аз қаҳва, яхмос, саршир ва шоколад тайёр карда мешавад.

**АЙС-КРИМ,** [англ. ice-cream яхмос]. Нӯшокие, ки бо илова намудани яхмос тайёр карда мешавад.

**АЙС-РЕВЮ́**, [англ. icy revue]. Балети рӯи ях.

**АЙСТО́ППЕР**, [англ. eye stopper < eye чашм + stop истодан, таваққуф кардан]. Яке аз воситаҳои *реклама* – ашё ё аломате, ки барои ҷалб намудани диққати харидорон бевосита дар назди фурӯшгоҳ ё ҷои хизматрасонӣ гузошта мешавад.

**АЙФО́Н**, [англ. iPhone]. Тамғаи смартфон, ки ширкати Apple истеҳсол менамояд; бо системаи амалиётии iOS кор мекунад.

**АКАДЕМИ́ЗМ**, [фр. academisme]. **1**. Равияи соф назариявӣ дар илм. **2**. Дур будани илм, санъат ва маориф аз амалия ва ҳаёти воқеӣ. **3**. Дар санъати тасвирӣ – ҷараёне, ки дар академияҳои рассомии асрҳои XVI-XIX пайдо шудааст; А. пайрави шаклҳои зоҳирии санъати классикии атиқа ва Реннесанс буда, сужетҳои аз воқеияти ҳаётӣ дурбударо талқин мекард.

**АКАДЕ́МИК**, [< *академия*]. Узви ҳақиқӣ ё фахрии *академия*.

**АКАДЕМӢ́**, [< *академия*]. **1**. Мансуб ба *академия*; мансуб ба фаъолияти академия. **2**. Соф илмӣ, махсус, *маҷ.* душворфаҳм, китобӣ, мас., асари бо услуби академӣ навишташуда. **3**. Намунавӣ, мас., театри академӣ. **4**. Пайрави анъанаҳо ва қонунҳои хоси *академизм*. **5**. Соф назариявӣ, ки аҳамияти амалӣ надорад, мас., баҳсҳои академӣ. **6**. С о л и  а к а д е м ӣ – соли таҳсил дар мактабҳои олӣ ва миёна; с о а т и  а к а д е м ӣ – вақти муқарраршудаи дарсҳои мактаб – 45 дақ.

**АКАДЕ́МИЯ**, [лот. academia]. **1**. Номи нахустин мактаби фалсафие, ки Афлотун тахминан соли 387 дар боғи наздикии Афина бахшида ба қаҳрамони афсонавӣ Академ таъсис додааст. **2**. Муассисаи калони илмие, ки масъалаҳои илмии як ё чандин соҳаи илмро тадқиқ мекунад (мас., Академияи илмҳои ҶТ, Академияи кишоварзӣ ва ғ.). **3**. Номи баъзе мактабҳои олӣ (мас., академияи ҳарбӣ).

**АКА́НТ**, **АКА́НФ**, [< лот. akantha хор]. **1**. *бот.* Растание, ки баргҳои калони зебо дошта, дар минтақаҳои гарми Осиё, Африқо ва баҳри Миёназамин мерӯяд. **2**. Ороиши меъморӣ дар шакли баргу шохаҳои ин растанӣ.

**АКАНТО́ДҲО**, [< лот. akanthodos халанда, хордор]. *пал.* Гурӯҳи моҳиҳои палеозойии наҳангмонанд, ки қанотҳои шиновариашон хорҳои нӯгтез доштанд.

**АКАНТОСЕФА́ЛҲО (АКАНТОЦЕФА́ЛҲО)**, [< лот. akantha хор + kephale сар]. *зоол.* Синфи кирмҳои хорсаре, ки дар бадани моҳиҳо, паррандаҳо ва ширхӯрон муфтхӯрона зиндагӣ мекунанд ва чандон зарарнок нестанд.

**А КАПЕ́ЛЛА**, [< ит. a capella]. Сурудхонии бисёровоз бо *хор* (бе созҳои мусиқӣ), ки барои мусиқиҳои халқӣ ва насронӣ хос мебошад; *капелла* низ гӯянд.

**АКАРАПИДО́З,** [< юн. akari кана]. Бемории музмини занбӯри асал; барангезандагони он канаҳое мебошанд, ки дар нойи нафас ё зери болҳо ҷой гирифтаанд; занбӯрҳои бемор парида наметавонанд.

**АКАРИ́НҲО**, [< юн. akari кана]. *зоол.* Канаҳо, буғумпойҳо аз синфи тортанакшаклҳо, ки барангезандагони бемориҳои гуногун ба шумор меравванд.

**АКАРИФОРМӢ**, [< юн. akari кана + *форма*]. К а н а ҳ о и  А . – синфи буғумпойҳои тортанакшакл (зиёда аз 12 000 намуд); аксарияташон зарарасонҳои растанию маҳсулоти кишоварзӣ, баъзеашон ангалҳои (*паразитҳои*) ҳайвонот ва одам ба шумор мераванд.

**АКАРИСИ́ДҲО (АКАРИЦИ́ДҲО)**, [< юн. akari кана + caedere куштан]. Доруҳои химиявии зидди кана. || Мқс. афисидҳо, ларвисидҳо.

**АКАРО́З**, [< юн. akari кана]. *байт.* Бемории музмини ҳайвонот, ки барангезандагони он канаҳои дарунипӯстӣ мебошанд; бо хориши сахт ва варами пӯст зоҳир мегардад.

**АКАРОЛО́ГИЯ**, [< юн. akari кана + *…логия*]. Канашиносӣ; соҳаи зоология, ки канаҳоро меомӯзад.

**АКА́ФИСТ**, [< юн. akathistos намешинам]. Суруди насронӣ бахшида ба Исои Масеҳ, ки дар вақти гӯш кардани он нишастан мумкин нест; аз 25 қитъа иборат аст.

**АКА́ТСИЯ (АКА́ЦИЯ)**, [< юн. akis хор]. *бот.* Ақоқиё; дарахт ё буттаи хордоре, ки дар минтақаҳои тропикӣ ва субтропикӣ мерӯяд; гулҳои зард ва сафед дорад, зиёда аз 700 намуди он маълум аст.

**А́КВА**, [< лот. aqua]. Об.

**АКВА…**, [< лот. aqua об]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки об ва ҳар чизи бо об алоқамандро ифода мекунад, мас., *акваметрия*.

**АКВААЭРО́БИКА**, [< англ. aqua об + *аэробика*]. Рақси зериобӣ; ҳаракату машқҳо дар зери об, ки бо мусиқӣ иҷро карда мешаванд.

**АКВАБИ́ЛДИНГ**, [англ. aquabuilding]. Ниг. *аквааэробика*.

**А́КВА ВИТЕ**, [лот. aqua vitae оби ҳаётбахш]. Арақ, шароб.

**АКВАКУЛТУ́РА (АКВАКУЛЬТУ́РА),** [< лот. aqua об + cultura парвариш]. Парвариши ҳайвоноту набототи обӣ (мас., моҳиҳо, нармбаданҳо, харчангшаклҳо, обсабзҳо ва ғ.) дар парваришгоҳҳои махсус.

**АКВАЛА́НГ**, [< лот. aqua об + англ. lung сабук]. Асбоб барои нафаскашии одам дар зери об.

**АКВАМАРИ́Н**, [< лот. aqua marina оби баҳр]. Санги қиматбаҳои шаффофи осмониранги сабзтоб, як навъи *берилл*.

**АКВАМЕ́ТРИЯ**, [< лот. aqua об + …*метрия*]. Усули муайян намудани миқдори об дар моддаҳои гуногун.

**АКВАНА́ВТ**, [< лот. aqua об + юн. nautes шиновар]. Мутахассисе, ки дар зери об бо либос ва олоти зериобӣ (*гидрокостюм* ва *акваланг*) корҳои гуногунро иҷро мекунад. || Мқс. гидронавт, океанавт.

**АКВАНИ́ТҲО**, [< лот. aqua]. Моддаҳои таркандаи аз *селитраи аммиак* ва *тол* тайёркардашудае, ки асосан дар шахтаю конҳо истифода мешаванд.

**АКВАПА́РК**, [< англ. aqua об + *парк*]. Маркази бозию дилхӯшӣ, ки ҳавзҳо ва *аттраксионҳои* обӣ дорад.

**АКВАРЕ́Л**, [фр. aquarelle < лот. aqua об]. **1**. Ранги обӣ, ранги дар об ҳалшаванда. **2**. Расмҳои бо чунин ранг кашидашуда.

**АКВА́РИУМ**, [фр. aquarium ҳавз < лот. aqua об]. **1**. Ҳавзи сунъӣ ё зарфи шишагии обдор барои нигоҳдорӣ, парвариш ё намоиш додани моҳиён ва дигар ҷонварону растаниҳои обӣ. **2**. Муассисае, ки дар он ҷонварону растаниҳои обӣ бо мақсади омӯзишу таҳқиқ нигоҳ дошта мешаванд. **3**. *маҷ*. Иморат ё хонаи деворҳояш шаффоф.

**АКВАРИУМӢ**, [< *аквариум*]. М о ҳ и ҳ о и  А . – моҳиҳое, ки дар *аквариум* парвариш карда мешаванд.

**АКВАСКИ́ППЕР**, [англ. aquaskipper]. Велосипеди обӣ, ки дар дар ду тарафаш парраҳои тобхӯранда дорад.

**АКВАТО́РИЯ**, [< лот. aqua об + territorium ҳудуд]. Масоҳати муайяни об дар ҳудуди уқёнус, баҳр, обанбор, бандар; барои бор кардан ё холӣ кардани бори киштиҳо (А.-и бандар), таъмири киштиҳо (А.-и завод), озмоиши техника, паридан, фуруд омадан, лангар партофтани ҳавопаймоҳои обӣ (*гидросамолётҳо*) хизмат мекунад.

**АКВАФИ́ТНЕС,** [< англ. aqua об + fitness мувофиқат, коршоямӣ]. Фитнеси (ниг. *фитнес*) обӣ.

**АКВЕДУ́К**, [< лот. aquaeductus қубури об]. Иншооти кӯпрукмонанди новадор ё қубурдор, ки дар болои сой, ҷӯй, роҳ барои обгузаронӣ сохта мешавад.

**АКВИЗИ́ТОР**, [< лот. acquisitor харидор]. *тиҷ*. Корманд ё *агенти* муассисаи нақлиёт ё суғурта, ки бо *аквизитсия* машғул мебошад.

**АКВИЗИ́ТСИЯ (АКВИЗИ́ЦИЯ)**, [< лот. acquisitio харидан]. *тиҷ*. Борҳои нав ё суғуртаро ҷалб намудани муассисаи нақлиёт ё суғурта.

**АКВИЛЕ́ГИЯ**, [< лот. aqua об + lego ҷамъ мекунам]. *бот*. Тоҷимулук, чилладору; ҷинси алафҳои бисёрсола, ки дар Нимкураи Шимолӣ мерӯяд (такр. 100 намуд); баъзе намудҳои онро чун растании ороишӣ парвариш мекунанд.

**АКВИЛО́Н**, [< лот. Aquilo боди шимолӣ]. **1**. Дар асотири Рими қадим – худои боди шимолӣ. **2**. *маҷ*. Боди шимолӣ.

**АКВИПА́РҲО**, [< лот. aqua об + pario таваллуд мекунам]. *зоол*. Ҳайвонҳое, ки дар даруни об мезоянд, мас., наҳангҳо.

**АКИНЕЗИ́Я**, [< юн. akinesia беҳаракатӣ]. *тиб*. Беҳаракатӣ дар натиҷаи фалаҷ, буғумдард ва бемориҳои дигар. || Мқс. адинамия.

**АККА́УНТ**, [англ. account]. *инф*. Дафтари бақайдгирии меҳмони ин ё он *web*-саҳифа, ки дар он *логин*, номи мустаор (*парол*), суроғаи почтаи электронӣ ва маълумоти дигар оид ба истифодабарандаи интернет дарҷ ёфтааст.

**АККА́УНТИНГ**, [англ. accounting]. Дар тиҷорат – ҷамъоварӣ, коркард, тасниф ва таҳлили иттилооти молиявӣ.

**АККА́УНТ-МЕНЕҶЕР**, [< англ. account + *менеҷер*]. *тиҷ*. Менеҷери (ниг. *менеҷер*) кор бо фармоишгарон, мутахассис оид ба гузарондани гуфтушунидҳо, бастани шартнома, ҷалб намудани муштариёни нав.

**АККЛАМА́ТСИЯ (АККЛАМА́ЦИЯ)**, [лот. acclamatio хитоб, доду фарёд]. Қабул ё рад намудани ин ё он қарор дар маҷлис бе ҳисоб кардани овозҳо, фақат дар асоси вокуниши аҳли маҷлис, яъне доду фарёд ва нидою хитоби онҳо.

**АККЛИМАТИЗА́ТСИЯ (АККЛИМАТИЗА́ЦИЯ)**, [ол. Akklimatisation]. Ба муҳити нав, ба шароити иқлими нав мутобиқ шудани (одат кардани) одамон ва ҳайвоноту наботот.

**АККОМОДА́ТСИЯ (АККОМОДА́ЦИЯ)**, [ол. Akkomodation < лот. accomodatio мутобиқшавӣ]. *тиб. биол*. Мутобиқшавии узв ба шароити муайян. Мас., А.-и чашм ба дараҷаи гуногуни рӯшноӣ. || Мқс. адаптатсия.

**АККОМПАНЕМЕ́НТ**, [фр. accompagnement]. Ба садои сароянда ҷӯр шудани сози мусиқӣ.

**АККО́РД**[1], [< ит. accordo ҳамоҳангӣ]. **1**. Ба як оҳанг ҷӯр шудани чандин (камаш се) савту садои мусиқӣ. **2**. Маҷмӯи торҳо барои асбобҳои мусиқӣ.

**АККО́РД**[2], [< ит. accordo созишнома, шартнома]. **1**. Корбайъ; кор мувофиқи шартнома. **2**. Яке аз шаклҳои пардохти музди кор, ки ҳангоми он мувофиқи шартнома якбора барои тамоми кори иҷрошуда музд дода мешавад, на алоҳида барои иҷрои ҳар як қисми он.

**АККОРДЕО́Н**, [фр. accordeon]. Навъи *баян*, ки аз тарафи дасти рост клавиатураи фортепянӣ дорад.

**АККРЕДИТА́ТСИЯ (АККРЕДИТА́ЦИЯ)**, [< лот. accredo бовар мекунам]. **1**. Ҳуҷҷате, ки ба журналист имкон медиҳад барои тасвир намудани рафти воқеа дар ин ё он маҳалли муайян ҳузур дошта бошад. **2**. Иҷозатнома барои фаъолият, ки ба намояндаи ширкати хориҷӣ дода мешавад.

**АККРЕДИТИ́В**, [фр. accreditif, ол. Akkreditiv]. *мол.* **1**. Эътиборнома; санади ҳисоббаробарӣ ё пулӣ, ки супориши як муассисаи қарздиҳандаро (бонкро) ба муассисаи дигар дар бобати аз ҳисоби маблағҳои махсус ҷудокардашуда пардохт намудани ҳуҷҷатҳои молию нақлиётӣ барои молҳои фиристодашуда ифода менамояд. **2**. Эътиборнома; коғази қиматноки исмӣ, ки ҳуқуқи соҳибашро барои аз муассисаи қарздиҳанда (бонк) гирифтани маблағи дар он нишондодашуда тасдиқ мекунад.

**АККРЕДИТОНӢ,** [< *аккредитатсия*]. Расмиёти ба вазифа таъйин намудани намояндаи дипломатӣ ё намояндаи доимии давлат дар ташкилоти байналмилалӣ.

**АККУЛТУРА́ТСИЯ (АККУЛЬТУРА́ТСИЯ)**, [ол. Akkulturation]. Ҳамроҳ (пайваст) шудани як халқ ба фарҳанги ҳалқи дигар дар натиҷаи мустаҳкам гардидани равобити онҳо.

**АККУМУЛЯ́ТОР**, [< лот. accumulator захиракунанда, ғункунанда]. Асбоб барои захира (ғун) кардани қувваи барқ ё қувваи гармӣ бо мақсади истифодаи минбаъдаи он.

**АККУМУЛЯ́ТСИЯ (АККУМУЛЯ́ЦИЯ)**, [< лот. accumulatio ҷамъ кардан, ғун кардан]. **1**. Ғун кардани энергия, маблағ, мавод, захираҳои меҳнатӣ ва ғ.; А.-и сармоя – ғун кардани сармоя бо роҳи ба он ҳамроҳ намудани як қисми арзиши изофаи нав. **2**. *геол.* Дар хушкӣ ё дар қаъри об ғун шудани моддаҳои минералӣ ва боқимондаҳои органикӣ.

**АКМЕИ́ЗМ**, [< юн. akme дараҷаи олии чизе, қуллаи нашъунамо]. Дар адабиёти асри бистуми рус – равияе, ки озодшавӣ аз рамзпарастиро (символизмро) талқин намуда, талаб мекард, ки ба каломи бадеъ маънии аслии ибтидоияш баргардонда шавад; акмеистҳо шиори «санъат барои санъат»-ро таблиғ мекарданд.

**АКМИ́Т**, [англ. acmite]. *геол.* Минерали сиёҳтоби хордор, яке аз намудҳои эгирин.

**АКОНИ́Т**, [< юн. akoniton]. *бот.* Аҷалгиёҳ; як навъ растании бисёрсолаи заҳрнок аз оилаи чиноракҳо (тақрибан 300 намуд); бештар дар минтақаҳои муътадили Нимкураи Шимолӣ мерӯяд; баъзе намудҳои онро барои истеҳсоли доруҳои рафъкунандаи таб ва дард ба кор мебаранд.

**А-КО́НТО**, [< ит. a conto]. *мол.* Пардохти пешакии воридкунанда ба суратҳисоби содиркунанда.

**АКР**, [англ. acre < лот. ager қитъаи замин]. Воҳиди майдон дар Англия ва Амрико; 1 акр = 4 руд = 4840 ярди мураббаъ = 0,4047 гектар = 4047 м. мураббаъ.

**АКРИ́ДА**, [юн. akridos]. Малах.

**АКРОБА́Т**, [фр. acrobate < юн. acrobates ҷаҳанда, ҳаллосзананда]. Варзишгар ё артисти сирк, ки бо *акробатика* машғул мебошад. || Мқс. эквилибрист.

**АКРОБА́ТИКА**, [фр. acrobatie < юн. acrobates ҷаҳанда, ҳаллосзананда]. Намуди *гимнастикаи* варзишӣ ё сиркӣ, ки машқҳои якка ё дастҷамъии ҷастухез, муаллақзанӣ, нигоҳ доштани мувозинат ва ғ.-ро дар бар мегирад.

**АКРОКЕФА́ЛИЯ, АКРОСЕФА́ЛИЯ (АКРОЦЕФА́ЛИЯ)**, [< юн. akros баланд kephale сар]. *тиб.* Косахонаи манорашакли сар; сари дароз.

**АКРОМЕГА́ЛИЯ**, [< юн. akron дасту пой + megas калон]. *тиб.* Инкишофи номутаносиби панҷаҳои дасту пой, ҷоғи поён ва устухонҳои рӯй дар натиҷаи вайроншавии кори *гипофиз*.

**АКРОМЕЛАНИ́ЗМ**, [< юн. akron дасту пой + melas сиёҳ]. *биол.* Як намуди *албинизм*, ки зимни он танҳо панҷаҳо, дум, гӯшҳо ва фӯки ҳайвонҳо ранг пайдо мекунанд.

**АКРО́ПОЛ (АКРО́ПОЛЬ)**, [< юн. akros баланд + polis шаҳр]. Истеҳком дар Юнони Қадим, ки одатан дар талу теппаҳо ва баландиҳо сохта мешуд.

**АКРОСТИ́Х**, [< юн. akrostichis]. *адш.* Мувашшаҳ; шеъре, ки дар аввали ҳар мисраъ ё байти он ҳарфе оварда мешавад, ки аз маҷмӯи онҳо исми шахсе ё чизе ва ё ҷумлае ташкил меёбад.

**АКРОСИАНО́З (АКРОЦИАНО́З)**, [< юн. akros дасту пой + *сианоз*]. *тиб.* Кабудшавии дасту пойҳо одатан ҳангоми вайроншавии гардиши хун.

**АКСЕЛЕРА́Т**, [< лот. acceleratio тезондан, суръатбахшӣ]. **1**. Кӯдак ё наврасе, ки аз ҳамсолони худ зудтар инкишоф меёбад. **2**. Кӯдаке, ки назар ба кӯдакони наслҳои пешин зудтар инкишоф меёбад.

**АКСЕЛЕРА́ТОР**, [< лот. accelero метезонам]. **1**. *тех.* Суръатбардор; фишанге (педале), ки ҳангоми зер кардани он миқдори сӯзишвории аз карбюратор ба силиндрҳои муҳаррик раванда кам ё зиёд шуда, бо ҳамин суръати ҳаракати автомобил тағйир меёбад. **2**. *иқт.* Нишондиҳандаи иқтисодӣ, ки робитаи байни афзоиши даромади миллӣ ва ҳаҷми маблағгузориро ифода мекунад.

**АКСЕЛЕРА́ТСИЯ (АКСЕЛЕРА́ЦИЯ)**, [< лот. acceleratio тезондан, суръатбахшӣ]. **1**. *тиб.* Балоғати босуръати ҷинсӣ, инкишофи босуръати ҷисмонӣ. **2**. *биол.* Ташаккули босуръати қисмҳои алоҳидаи ҷанин дар зинаи муайяни инкишоф, мас., инкишофи барвақти даҳони моҳиҳо ва обхокиҳои бедум, ки ғизогирии онҳоро баъди тамом шудани захираи зардии тухм таъмин мекунад. **3**. Инкишофи босуръати баъзе наврасон назар ба ҳамсолони худ. || Мқс. акселерат. **4**. *тех.* Дар нақлиёт – суръатфизоӣ бо ёрии *акселератор*.

**АКСЕЛЕРО́МЕТР**, [< лот. accelero метезонам + ...*метр*]. Асбоб барои чен кардани суръати ҳаракати ҳавопаймо, автомобил ва ғ.

**АКСЕЛБА́НТ (АКСЕЛЬБА́НТ)**, [ол. Achselband]. Ресмони сари китф; шаддаи ороишӣ; ҷузъи либоси афсарони штаб, адъютантҳо ва жандармҳо дар баъзе артишҳо ва артиши Россияи подшоҳӣ; лавозимоти либоси парадии ҳайати шахсӣ, қаровули фахрӣ ва иштирокчиёни паради ҳарбӣ.

**АКСЕССУА́Р**, [фр. accessoir]. Қисми иловагӣ ё ёрирасони ягон чиз; дар театр – ҷузъи *бутафория* ё *реквизит*, яъне асбобу анҷоми майдае, ки дар спектаклҳо ба кор меравад.

**АКСИАЛӢ**, [фр. axial]. Меҳварӣ; мансуб ба тир, меҳвар.

**АКСИНИ́Т**, [< юн. axea табар]. Минерал, боросиликати асосии алюминий, оҳан, калсий ва марганетс. Дар шакли кристаллҳои сурхтоб, бунафш ва ғ. дучор мешавад.

**АКСИОЛО́ГИЯ**, [< юн. axios пурарзиш + *…логия*]. *фал.* Таълимоти фалсафӣ дар бораи арзишҳои маънавӣ, ахлоқӣ, эстетикӣ ва ғ., яъне дар бораи аҳамият ё зарари объектҳои олами атроф барои инсон, гурӯҳи одамон ё умуман ҷомеа.

**АКСИО́МА**, [юн. axioma]. **1**. *мат., фал.* Нуктаи (*теоремаи*) сароғозе, ки ба исботи нуктаҳои (теоремаҳои) дигари назарияи илмӣ асос мегардад; *постулат* низ гӯянд. **2**. *маҷ.* Даъвое, ки ба далел эҳтиёҷ надорад; ҳақиқати раднопазир.

**АКСИО́МЕТР**, [< лот. axis]. Зовиясанҷ дар суккони киштӣ ё дар таҷҳизоти геодезӣ.

**А́КСИС**, [< лот. axis]. *зоол.* Ҳайвони ҷуфтсум аз оилаи гавазнҳо, ки дар ҷангалҳои Ҳиндустон ва ҷазираи Шри-Ланка зиндагӣ мекунад; дарозиаш то 1,5 м, қадаш то 1 м.; наринааш шохҳои дароз дорад (то 1 м).

**АКСО́Н**, [< юн. axon тир, мехвар]. *анат.* Шохаи ҳуҷайраи асаб (*нейрон*), ки мавҷҳои ҳаяҷоноварро (*импулсҳоро*) аз ин ҳуҷайра ба узвҳои иннерватсияшаванда ва дигар ҳуҷайраҳои асаб мебарад; *нейрит* низ гӯянд.

**АКСО́Н-РЕФЛЕ́КС**, [< *аксон* + *рефлекс*]. *физиол.* Вокуниши рефлексӣ, ки бар хилофи *рефлекси* ҳақиқӣ бе иштироки системаи марказии асаб сурат мегирад.

**АКТ**[1], [фр. acte < лот. actus амал]. **1**. Санад; ҳуҷҷат, қайди расмӣ. А к т и  (с а н а д и)  м е ъ ё р ӣ – қонун, фармон, қароре, ки эътибори ҳуқуқӣ дорад. **2**. Амал, кирдор. **3**. Парда; қисми ба анҷомрасидаи асари драмавӣ ё намоиши театрӣ. **4**. Дар муассисаи таълимӣ – маҷлиси тантанавӣ (бахшида ба хатми мактаб, супурдани мукофот ва ғ.).

**АКТ**[2], [ол. Akt]. *санъ.* Дар санъати тасвирӣ – тасвир намудани бадани урёни одам.

**АКТЁР**, [фр. acteur < лот. actor амалкунанда, иҷрокунанда]. Артист; ҳунарпеша; иҷрокунандаи нақш дар спектаклҳо, филмҳо, *клипҳо* ва ғ.

**АКТИ́В**, [< лот. activus фаъол]. **1**. Қисми нисбатан фаъол ва пешқадами коллектив, ташкилот, муассиса. **2**. *мол.* Дороӣ; қисми тавозуни муҳосибӣ (бухгалтерӣ, ҳисобдорӣ), ки дар санаи муайян таркиб, ҷойгиршавӣ ва истифодаи маблағҳоеро, ки аз рӯи нақшашон дар раванди такрористеҳсол гурӯҳбандӣ шудаанд, инъикос менамояд; муқобили *пассив*. А к т и в ҳ о - н е т т о – дороиҳои холис; активҳои ҳақиқӣ (воқеӣ) баъди тарҳ кардани пассивҳо (ӯҳдадориҳои қарзӣ). А к т и в ҳ о и  б е х а в ф – активҳое, ки даромаднокии онҳо аз оғози давраи соҳиб гардидан ба ин активҳо муайян ва маълум аст. А к т и в ҳ о и  л и к в и д ӣ – дороиҳои пардохтпазир; воситаҳои ба осонӣ фурӯхташавандаи бонк, ташкилот, корхона, ки дар шакли фоиз қариб даромад намеоваранд. **3**. *мол.* Зиёд шудани даромадҳои пулии аз хориҷа

гирифтаи мамлакат назар ба хароҷоти он дар хориҷа; муқобили *пассив*. **4**. *ҳуқ*. Маҷмӯи ҳуқуқҳои мулумулкие, ки ба шахси муайян тааллуқ доранд.

**АКТИВА́ТОРҲО**, [< лот. activus фаъол]. *хим*. Моддаҳои химиявие, ки таъсири *ферментҳо, катализаторҳоро* зиёд мекунанд.

**АКТИВА́ТСИЯ (АКТИВА́ЦИЯ)**, [< лот. activus фаъол]. **1**. Тақвият додани фаъолият, водорсозӣ ба амалҳои фаъолона; гузариш аз ҳолати оромӣ ба фаъолиятнокӣ ва инкишоф. **2**. Ангезиш додани молекулаҳо, атомҳо бо мақсади ба реаксияи химиявӣ осонтар (зудтар) ворид гардидани онҳо. **3**. Коркарди махсуси ангишт ва дигар ҷисмҳои ковок бо мақсади зиёд кардани қобилияти газу моеотро фурӯ бурдани онҳо.

**АКТИВИЗА́ТСИЯ (АКТИВИЗА́ЦИЯ)**, [< лот. activus фаъол]. Ниг. *активатсия* (маънои 1).

**АКТИНИ́ДИЯ**, [< юн. actis нур + eidos намуд]. *бот*. Як навъ буттагиёҳ аз оилаи изғичҳо (40 намуд); дар Шарқи Дур ва қисми аврупоии Россия мерӯяд; мевааш хӯрданбоб ва аз витамини C бой мебошад.

**АКТИНИ́ДҲО**, [< юн. actis нур]. *хим*. Элементҳои химиявии радиоактивии гурӯҳи III системаи даврии Менделеев (торий, протактиний, уран, нептуний, плутоний ва ғ.). Ҳамаи *изотопҳои* А. радиоактивӣ буда, аксарияти онҳо сунъӣ ҳосил карда мешаванд.

**АКТИ́НИЙ**, [< юн. actis нур]. *хим*. Элементи химиявии радиоактивии гурӯҳи III системаи даврии Менделеев (Ac); омехтаи нисбатан устувори *изотоп* бо *бериллий*; чун манбаи нейтронҳо истифода мешавад; бештар дар конҳои торий ва уран вомехӯрад.

**АКТИНОБАТСИЛЛЁЗ (АКТИНОБАЦИЛЛЁЗ)**, [*актино… + …батсилҳо*]. *байт., тиб*. Беморији музмини гузарандаи ҳайвонот, баъзан одам, ки *актиномитсетҳо* ба вуҷуд меоранд; бо захмчаҳои фасодноки (абстсессҳои) бофтаҳои забон, рӯй, лабҳо ва лимфагиреҳҳо зоҳир мегардад.

**АКТИНО́ИДҲО**, [< юн. actis нур + eidos намуд]. *хим*. Ниг. *актинидҳо*.

**АКТИНО́МЕТР**, [*актино… + …метр*]. Асбоб барои чен кардани шиддати нурҳои рости (радиатсияи) офтоб.

**АКТИНОМИКО́З**, [< *актиномитсетҳо*]. *байт., тиб*. Беморији музмини гузарандаи чорвои калони шохдор, хук, буз, гӯсфанд, асп ва баъзан одам, ки *актиномитсетҳо* ба вуҷуд меоранд; бо омосҳои фасоднок дар узвҳо ва бофтаҳо зоҳир мегардад.

**АКТИНОМИТСЕ́ТҲО (АКТИНОМИЦЕ́ТҲО)**, [< *актино* + юн. mykes занбурӯғ]. Организмҳои хурдтарин аз қатори бактерияҳо, ки бо номи занбурӯғчаҳои нурфишон маъруфанд: дар хок, об ва танаи растаниҳо зиндагӣ мекунанд: баъзе аз онҳо барангезандагони беморији *актиномикоз* ба шумор меравaнд.

**АКТИНОФА́Г**, [< *актино + …фаг*]. Вирусе, ки актиномитсетҳоро нобуд мекунад. || Мқс. бактериофаг.

**АКТО́ГРАФ**, [< лот. actus + *…граф*]. Асбоб барои сабти автоматии ҳаракати инсон ё ҳайвонот.

**АКТУАЛИ́ЗМ**, [лот. actualis ҳақиқӣ, воқеӣ]. *геол.* Усули муқоисавӣ-таърихии таҳқиқ дар геология, ки дар асоси он равандҳои ҳозираи геологиро омӯхта, дар бораи ҳамин гуна равандҳо дар гузаштаи дур хулоса баровардан мумкин аст; А.-ро чун усули илмӣ дар нимаи якуми асри 19 геологи англис Ҷ. Лайел пешниҳод карда буд.

**АКТУАЛӢ**, [лот. actualis]. Мубрам, зарур; барои имрӯз бағоят муҳим ва ҳалталаб.

**АКТУА́РИЙ**, [< лот. actuarius ҳисобчӣ, ҳисобнавис]. *мол.* Мутахассиси суғурта, ки бо ҳисобу китоби суғуртапулӣ, мукофотҳо ва ғ. машғул аст.

**АКУ́ЛА**, [норв. hakall]. *зоол.* Наҳанг; моҳии сайдии баҳрҳои тропикӣ, ки дарозиаш аз 0,2 м то 20 м мешавад (такр. 250 намуд); аз гӯшташ – таом, аз ҷигараш – равғани моҳӣ, аз устухонҳояш ширеш тайёр мекунанд; А.-ҳои калон барои одам хатарноканд.

**АКУМЕ́ТРИЯ**, [ол. Akumetrie < юн. akuo овоз + metreo чен мекунам]. *тиб.* Чен кардани қувваи шунавоӣ бо роҳи муайян намудани пасттарин овозе, ки инсон дарк мекунад; *аудиометрия* низ гӯянд.

**АКУПРЕССУ́РА**, [< лот. acus сӯзан pressura зер кардан, фишор додан]. *тиб.* Бо ангуштон таъсир расондан (зер кардан) ба нуқтаҳои аз ҷиҳати биологӣ фаъоли бадан, яке аз усулҳои рефлексдармонӣ. || Мқс. акупунктура.

**АКУПУНКТУ́РА**, [< лот. acus сӯзан puncture задан, сӯзанзанӣ]. *тиб.* Сӯзандармонӣ; табобати беморӣ бо роҳи сӯзанзанӣ ба нуқтаҳои муайяни бадан, яке аз усулҳои рефлексдармонӣ. || Мқс. акупрессура.

**АКУ́СТИКА**, [<юн. akustikos шунавоӣ]. *физ.* **1**. Садошиносӣ; як қисми илми физика, ки садоро меомӯзад. **2**. Хусусиятҳои акси садо, инчунин дараҷаи шунида шудани мусиқӣ, нутқ ва ғ. дар ин ё он толор, хона, иморат.

**АКУСТОО́ПТИКА**, [< юн. akustikos шунавоӣ + …*оптика*]. *физ.* Соҳаи *акустика* дар бораи таъсири ҳамдигарии мавҷҳои оптикӣ ва мавҷҳои овозӣ дар ҷисмҳои сахт ва моеъ.

**АКУШЕ́Р**, [ол. Akkoucher]. *тиб.* Духтуре, ки ба занҳо дар вақти ҳомила будан ва таваллуд кардан ёрии тиббӣ мерасонад.

**АКУШЕРӢ,** [< ол. Akkoucher]. *тиб.* Илми валодат; соҳаи тиб, ки ҳолати организми зани ҳомила ва кӯдаки ӯ, инчунин масъалаҳои ёрӣ ҳангоми таваллуд ва баъди таваллудро меомӯзад.

**АКУШЕ́РКА,** [< ол. Akkoucher]. Доя; момодоя; зани дорои маълумоти миёнаи тиббӣ, ки ҳуқуқ дорад ба занҳо ҳангоми таваллуд мустақилона ёрии тиббӣ расонад.

**АКСЕ́НТ (АКЦЕ́НТ)**, [лот. accentus]. *збш.* **1**. Зада – ҷудо кардани воҳиди нутқ (ҳиҷо, калима, ибора) бо ёрии воситаҳои фонетикӣ. **2**. Задаи мантиқӣ – дар ҷумла бо оҳанг ҷудо кардани калимае, ки маънои асосиро ифода мекунад (бори маънӣ мекашад): «Шумо инро *харидед*, ё ба Шумо *тӯҳфа карданд*?». **3**. Аломате, ки бо он зада ифода карда мешавад (‘). **4**. *маҷ.* Ҷудо кардан, таъкид намудани ягон фикр; ҷалб намудани

диққат ба ягон чиз. **5**. Хусусият ва тарзу шеваи талаффузи шахсе, ки бо забони бегона гап мезанад. **6**. *мус*. Ҷудо кардан, тақтеъ намудани садо ё *аккорд*.

**АКСЕНТОЛО́ГИЯ (АКЦЕНТОЛО́ГИЯ)**, [<лот. accentus + …*логия*]. *збш*. Задашиносӣ; соҳаи забоншиносӣ, ки бо тадқиқи системаи задаҳои ягон забон ё чандин забон машғул мешавад.

**АКСЕНТУА́ТСИЯ (АКЦЕНТУА́ЦИЯ)**, [< лот. accentus]. *збш*. **1**. Системаи задаҳои ягон забон. **2**. Задагузорӣ дар матн. **3**. Ҷудо кардани унсурҳои калима ё ибора ба воситаи зада.

**АКСЕ́ПТ (АКЦЕ́ПТ)**, [лот. acceptus қабулшуда, ризоият]. *мол*. **1**. Ризоият барои пардохт ё кафолати пардохти ҳуҷҷатҳо дар гардиши амвол. **2**. Пазира; қайд дар чеки бонкӣ ё вексел, ки кафолати пардохти чек (*вексел*)-ро аз ҷониби бонке, ки онро пазируфтааст, нишон медиҳад. **3**. Яке аз шаклҳои ҳисоббаробаркунии нася дар байни ташкилотҳо. **4**. Ризоият ба бастани шартнома бо шартҳое, ки дар пешниҳод (*оферта*) нишон дода шудаанд.

**АКСЕПТА́НТ (АКЦЕПТА́НТ)**, [лот. acceptans қабулкунанда, ризоиятдиҳанда]. *мол*. Пазиранда; шахсе, ки бо имзои худ ӯҳдадории пардохти векселро ба зимма мегирад.

**АКСЕПТА́ТСИЯ (АКЦЕПТА́ЦИЯ)**, [лот. acceptare қабул кардан, розӣ шудан]. *мол*. Розӣ шудан ба пешниҳоде.

**АКСЕ́ПТОР (АКЦЕ́ПТОР)**, [лот. acceptor гиранда, қабулкунанда]. *физ*. **1**. Атоми омехта ё нуқсони дигари тӯри кристаллии нимноқил, ки метавонад аз қитъаи валентии нимноқил-донор электронҳоро «кашида гирад» ва бо ин сӯрохиеҳоеро ба вуҷуд орад, ки дар ноқилияти электрикӣ иштирок мекунанд, мас., атоми *галлий* дар кристалли *германий*. **2**. Гиранда; баръакси диҳанда (*донор*).

**АКСЕПТУА́ТСИЯ (АКЦЕПТУА́ЦИЯ)**, [лот. acceptare қабул кардан, розӣ шудан, маъқул донистан]. *мол*. **1**. Бастани шартнома бо пешниҳоди тарафи дигар. **2**. Кафолат додани бонк ба пардохти маблағи дар *вексел* ё ҳисобнома (*счёт*) нишон додашуда. **3**. Уҳдадорӣ барои дар муҳлати муқарраршуда пардохт намудани ҳисобнома (счёт) ё вексели пешниҳодшуда.

**АКСЕССИОНӢ (АКЦЕССИОНӢ)**, [< лот. accessio ҳамроҳшавӣ]. Ш а р т н о м а и А . – шартномае, ки бо он як давлат ба шартномаи пештар имзонамудаи давлатҳои дигар ҳамроҳ мешавад.

**АКСЕССОРӢ (АКЦЕССОРӢ)**, [< лот. accessorius иловашаванда, ҳамроҳшаванда]. **1**. *мол., иқт*. Изофагӣ, иловагӣ, ёрирасон, фаръӣ; ш а р т н о м а и А . – шартномаи (уҳдадории) иловагие, ки ба шартномаи (уҳдадории) дигар (асосӣ) ҳамроҳ карда мешавад. **2**. *маъд*. М и н е р а л А . – минералҳое, ки ба таркиби ҷинсҳои кӯҳӣ дохил мешаванд (на бештар аз 1 %-и онҳоро ташкил медиҳанд).

**АКСИДЕНТӢ (АКЦИДЕНТӢ)**, [< лот. accidentia тасодуфӣ]. **1**. *фалс*. Хусусиятҳои даргузар, камаҳамият ва тасодуфии ҳодиса ё ашё. **2**. К о р ҳ о и А . – корҳои майда-чуйдаи матбаа, мас., чоп кардани бланкҳо, варақаҳо ва ғ.

**АКСИ́З (АКЦИ́З)**, [фр. accise]. *мол.* Изофаандоз; яке аз навъҳои андоз, ки ба гирифтани даромад аз ҷониби фурӯшанда вобаста нест; андози ғайримустақим барои фурӯши навъҳои муайяни молҳои сермасраф; А. бештар аз машрубот, маҳсулоти тамоку, хӯрокиҳои лазиз (деликатес), автомобил ситонида мешавад.

**АКСИОНЕ́Р (АКЦИОНЕ́Р)**, [фр. actionnaire]. Дорандаи саҳмия, саҳмдор, саҳҳом; узви (шарики) ҷамъияти (ширкати) саҳҳомӣ.

**А́КСИЯ (А́КЦИЯ)[1]**, [фр. action]. Саҳмия; коғази қиматноке, ки дар хусуси саҳми муайян гузоштан дар сармояи ҷамъияти саҳҳомӣ шаҳодат ва барои гирифтани қисми фоида ҳуқуқ медиҳад.

**А́КСИЯ (А́КЦИЯ)[2]**, [лот. actio]. Амал, ҳаракат, тадбир, чорабинӣ, иқдоме, ки барои ба даст овардани мақсадҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, дипломатӣ ва мақсадҳои диг. ба ҷо оварда мешавад.

**АЛАЗО́НҲО**, [юн. қад.]. Қабилаҳои зироаткори *скиф*, ки дар асрҳои VII-II то милод дар минтақаҳои байни Днестр ва Буги Ҷанубӣ зиндагӣ мекарданд.

**АЛАЛИ́Я**, [< *а…* + юн. lalia нутқ]. Бенутқии кӯдакон ё маҳдуд будани нутқи онҳо аз сабаби пурра инкишоф наёфтан ё иллат пайдо кардани минтақаҳои нутқи нимкураҳои калони мағзи сар.

**АЛА́НИЯ**, [< *аланҳо*]. **1**. Давлати аланҳо дар қисми марказии Кавкази Шимолӣ, ки дар охири асри IX аз ҳоқонати Хазар ҷудо шуда буд; аввалҳои асри XIII дар натиҷаи ҳуҷуми лашкари муғулу тотор барҳам хӯрд. **2**. Номи Осетияи Шимолии имрӯза, ки тахминан дар ҳудуди Аланияи асримиёнагӣ воқеъ шудааст.

**АЛА́НҲО.** Қабилаҳои эронизабони сарматинажод, ки аз асри I дар наздикиҳои баҳри Азов ва кӯҳҳои Кавказ зиндагӣ мекарданд; аҷдоди осетинҳои имрӯза.

**АЛАРМИ́СТ**, [< фр. alarme ҳаяҷон, воҳима, беқарорӣ]. Воҳимаандоз, воҳимачӣ; шахси ба тарсу изтироб афтидае, ки ҳар гуна хабарҳои беасоси воҳимаангез паҳн мекунад.

**АЛАСТО́Р**, [юн. қадим alastor] **1**. Дар асотири юнониён азозили интиқомгиранда, ки ҷинояткорро таъқиб мекунад. **2**. Дар Юнони қадим ҷинояткори разилу бадкирдор.

**АЛА́СТРИМ**, [< англ. stream ҷараён]. *тиб*. Яке аз намудҳои сабуки бемории нағзак.

**А́ЛГЕБРА**, [ар. алҷабр]. Як қисми математика; А . - и э л е м е н т а р ӣ – яке аз соҳаҳои А., ки муодилаву нобаробариҳои дараҷаи якум ва дуюм, ҳолатҳои хусусии муодилаҳои дараҷаи олӣ, мафҳуми адад, табдилоти айниятӣ ва масъалаҳои *комбинаторикаро* меомӯзад; А . - и о л ӣ – соҳаи А., ки А.-и хаттӣ, назарияи гурӯҳҳо, назарияи майдон, бисёрузвҳо, ҳалқа, модул ва структураҳоро дар бар мегирад.

**АЛГЕБРӢ (АЛГЕБРАВӢ)** – мансуб ба алгебра; г е о м е т р и я и а л г е б р ӣ – як қисми геометрия, ки хатҳои каҷ ва самтҳои алгебриро дар сатҳ ва фазо меомӯзад; ҳ о с и л и ҷ а м ъ и а л г е б р ӣ – ҳосили ҷамъи ҷамъшавандаҳои мусбат ва манфӣ; ф у н к с и я и а л г е б р ӣ – функсияе, ки ба бузургии мустақили дигаршавандаи муодилаи алгебрӣ вобаста аст; х а т ҳ о и к а ҷ в а с а т ҳ ҳ о и а л г е б р ӣ – хатҳо ва

сатҳҳое, ки бо муодилаҳои алгебрӣ муайян мегарданд; ададҳои алгебрӣ – ададҳое, ки муодилаҳои алгебриро бо коэффитсиентҳои ададҳои том ҳал мекунанд; ифодаи алгебрӣ – ифодае, ки аз ҳарфҳо ва рақамҳо тартиб ёфтааст ва он ҳарфу рақамҳо бо аломатҳои амали алгебрӣ, яъне бо амалҳои ҷамъ, тарҳ, зарб, тақсим, ба дараҷа бардоштан ва ёфтани решаи дараҷаи том ба ҳам пайваста шудаанд; муодилаи алгебрӣ – муодилае, ки ҳар як қисми он нисбат ба бузургиҳои номаълум якузва ё чандинузва мебошад.

**АЛГЕЗИ́МЕТР**, [< юн. algos азоб + … *метр*]. Яке аз намудҳои *эстезиометр* – асбоб барои чен кардани ҳисси дард. || Мқс. термоэстезиометр.

**АЛГОРИ́ТМ**, [лот. algorismus < Algorithmi < ал-Хоразмӣ]. **1**. *мат.* Маҷмуи амалҳои математикӣ, ки бо тартиби муайян иҷро карда мешаванд, мас., алгоритми ҳосили реша аз адад; дар барномаҳои компютерӣ барои тавсифи А. забонҳои барномасозӣ истифода мегарданд; назарияи алгоритмҳо – соҳаи математика, ки хусусиятҳои умумии алгоритмҳоро меомӯзад. **2**. *маҷ.* Нақшаи умумии ин ё он амалиёт, маҷмӯи тадбирҳои пайдарҳаме, ки барои ба даст овардани натиҷаҳои матлуб андешида мешаванд.

**АЛГОРИТМӢ**, [< лот. algorismus]. Мансуб ба алгоритм; мувофиқи ягон алгоритм ҳосил кардашуда; забони алгоритмӣ – забони расмикунонидашуда барои сабти алгоритмҳо; аз маҷмуи рамзҳо (алифбо), қоидаҳои синтаксисӣ ва мафҳумҳои семантикӣ иборат аст.

**АЛЕАТО́РИКА**, [< лот. alea қуръа]. *мус.* Равияе дар санъати муосир; усули оҳангнавозиеро тарғиб мекунад, ки ба ҷӯрии тасодуфии овозҳо асос ёфтааст.

**АЛЕБА́РДА**, [фр. hallebarde]. Табарзин; найзаи дарозе, ки дар нӯгаш табар насб карда шудааст.

**АЛЕБА́СТР**, [< юн. alabastros < Alabastron номи шаҳр дар Миср ]. Минерали сафеди хока; яке аз навъҳои гаҷ, ки дар сохтмон истифода мешавад.

**АЛЕВРИ́Т**, [< юн. aleuron орд]. *геол.* Ҷинси кӯҳии таҳшиншудаи дона-дона, ки аз ҷиҳати таркиби худ дар байни ҷинсҳои регӣ ва гилӣ меистад; андозаи донаҳояш – аз 0,001 то 0,1 мм.

**АЛЕВРОЛИ́Т**, [< юн. aleuron орд]. *геол. Алеврити* сахтшуда (сементшуда).

**АЛЕЙКЕМИ́Я**, [< *а…* + юн. leukos сафед + haima хун ]. *тиб.* Яке аз шаклҳои сафедхунӣ; *лейкоз* низ гӯянд.

**АЛЕЙКИ́Я**, [< *а…* + юн. leukos сафед]. *тиб.* **1**. Осеби узвҳои хунофар дар натиҷаи заҳролудшавӣ аз истеъмоли ғаллаи кӯҳнае, ки бо замбӯруғи *фузариум* сироят ёфтааст. **2**. Якбора кам шудани шумораи *гранулоситҳои нейтрофилӣ* дар хун; *агранулотситоз* низ гӯянд.

**АЛЕКСАНДРИ́Т**, [аз номи подшоҳи рус Александри II… + пасв. -ит]. Санги гаронбаҳо аз ҷинси *хризоберилл*; дар рӯшноии табиӣ сабзи баланд, дар рӯшноии сунъӣ сурхи баланд менамояд.

**АЛЕКСИ́Я**, [< *а…* + юн. lexis калом, нутқ]. *тиб.* Гум шудани қобилияти хондан ва фаҳмидани матни хондашуда дар натиҷаи осеб ёфтани нимкураи мағзи сар; аксари вақтҳо бо *аграфия* (навишта натавонистан) ва *афазия* (вайроншавии нутқ) якҷоя ҷараён меёбад. || Мқс. алалия, дизартрия.

**А́ЛИБИ**, [< лот. alibi дар ҷойи дигар]. *ҳуқ.* Далели он ки шахси ба ҷинояти муайян айбдоршаванда дар лаҳзаи содир гардидани ҷиноят дар ҷойи ҷиноят набудааст; ҳангоми содир шудани ҷиноят дар ҷои дигар будани айбдоршаванда ҳамчун далели бегуноҳии ӯ.

**АЛИДА́ДА**, [< ар. al-hidada]. Ҷадвали зовиясанҷе, ки дар нӯгҳояш заррабин дошта, дар атрофи тири худ давр мезанад; дар геодезия ва астрономия истифода мешавад.

**АЛИЗАРИ́Н**, [ол. Alizarin al-uzara]. Ранги рӯянии сунъӣ, ки барои ранг кардани газворҳо, инчунин барои тайёр намудани рангҳои дигар истифода мешавад.

**АЛИМЕНТАРӢ**, [< лот. alimentum ғизо, хӯрок]. *тиб.* Б е м о р и ҳ о и А . – бемориҳое, ки аз хӯрокхӯрии номунтазам, нопурра ва камғизо ё истеъмоли хӯрокҳои бадсифат ва вайроншуда пайдо мешаванд.

**АЛИМЕ́НТ**, [ол. Alimentate < лот. alimentum ғизо, хӯрок ]. *ҳуқ.* Маблағе, ки дар мавридҳои бо қонун муқарраршуда як аъзои оила (ё оилаи собиқ) ба аъзои дигари оила медиҳад.

**АЛИМЕНТА́ТСИЯ (АЛИМЕНТА́ЦИЯ)**, [ол. Alimentation < лот. alimentum ғизо, хӯрок]. *ҳуқ.* Уҳдадорӣ барои супурдани *алимент.*

**АЛКАЛИМЕ́ТРИЯ**, [ол. Alkalimetrie < ар. al-qili ишқор + юн. metreo чен мекунам]. *хим.* Усули таҳлили химиявӣ барои муайян кардани миқдори кислота дар таркиби маҳлул бо роҳи ба он ҳамроҳ намудани маҳлули ишқор.

**АЛКАЛО́ИДҲО**, [< ар. al-qili ишқор + юн. eidos монанд]. *хим.* Моддаҳои органикие, ки асосан аз гиёҳҳо ҳосил шуда, аз нитрогену ишқор иборатанд; аксарияти А. заҳрноканд; дар тиб ва дар мубориза бо ҳашароти зараррасон истифода мешаванд.

**АЛКОГО́Л (АЛКОГО́ЛЬ)**, [< ар. al-kuhul]. *хим.* **1**. Спирти якатома; пайвасти органикие, ки дар молекулааш моддаҳои гидроксилӣ (OH), яъне спиртҳои гуногун дорад (метанол, этанол ва ғ.). **2**. Баъзан ҳамаи спиртҳоро, аз он ҷумла спиртҳои басёратомаро, чунин меноманд.

**АЛКОГО́ЛИЗ**, [< ар. al-kuhul +… *лиз*]. *хим.* Реаксияи байни спирт ва моддаи дар он ҳалшуда.

**АЛКОГОЛИКУНОНӢ (АЛКОГОЛИЗА́ТСИЯ)**, [< ар. al-kuhul]. **1**. Ба майи ангур илова намудани этанол (спирти майӣ) барои бақувват кардани он. **2**. *тиб.* Ба бофтаҳо ворид намудани этанол ҳангоми муолиҷаи омоси безарар (ангиома), дарди шадиди асаб (*невралгия*).

**АЛКОГОЛИ́ЗМ**, [< ар. al-kuhul]. *тиб.* Майзадагӣ; бемории музмине, ки дар натиҷаи мунтазам ва аз ҳад зиёд нӯшидани машруботи спиртӣ пайдо мешавад ва боиси чунин

оқибатҳои зарарнок мегардад: одат кардан ба машрубот, абгории рӯҳӣ ва иҷтимоӣ, вайроншавии мубодилаи моддаҳо ва системаи асаб, бемориҳои узвҳои дарунӣ, *психоз* ва ғ.

**АЛКОГОЛИМЕ́ТРИЯ**, [< ар. al-kuhul + … *метрия*]. Муайян кардани миқдори алкогол дар моеъҳои спиртдор.

**АЛЛАНИ́Т**, [< юн. қадим]. Минерал; силикати тсерий ва иттрий.

**АЛЛАНТО́ИС**, [< юн. allantoeides ҳасибшакл]. *анат.* Узви махсуси ҷанинии хазандагон, парандагон ва ширхӯрон, ки барои нафаскашӣ, тарашшуҳ ва ғизогирӣ хизмат мекунад.

**АЛЛЕГО́РИЯ**, [< юн. allegoria]. *адш.* Маҷоз; киноя; рамз; кор фармудани ягон калима ба маънои ғайри ҳақиқӣ, ки дар миёни маънои нав (маҷозӣ) ва маънои аслӣ аз ягон ҷиҳат шабоҳат ё умумияте мавҷуд бошад; дар санъати тасвирӣ бо образҳои муайян ифода меёбад, мас., зани чашмбастае, ки дар даст тарозу дорад – аллегорияи (рамзи) адолати судӣ.

**АЛЛЕГРЕ́ТТО**, [< ит. allegretto < allegro шӯх, тез]. *мус.* **1**. Суръати иҷрои асари мусиқӣ, ки аз *аллегро* тезтар ва аз *модерато* сусттар аст. **2**. Асари мусиқӣ, ки бо чунин суръат иҷро карда мешавад.

**АЛЛЕ́ГРИ**, [< ит. allegri хушҳол бошед]. Лотереяе, ки баъди хариданаш дарҳол бозӣ мекунад; дар билети бебурд чунин навишта шудааст: «Хушҳол бошед!».

**АЛЛЕ́ГРО**, [< ит. allegro шӯх, тез]. *мус.* **1**. Суръати тези мусиқӣ; тезнавозӣ дар мусиқӣ. **2**. Асари мусиқӣ ё як қисми он ки бо суръати тез ва шавқу завқ (мас., бо оҳанги уфар) навохта мешавад. **3**. Қисми хотимавии машқ дар дарси рақс, ки бо суръати тез иҷро карда мешавад.

**АЛЛЕЛИ́ЗМ**, [< юн. allelon якдигарӣ, байни якдигар + пасв. -*изм*]. *биол.* Ҷуфт (ё сершумор) будани *генҳои* ин ё он аломат, ки аз ҳар кадоме аз волидайн «мерос гирифта шудааст»; *аллеломорфизм* низ гӯянд.

**АЛЛЕЛОМОРФИ́ЗМ**, [< юн. allelon якдигарӣ, байни якдигар + …*морфизм*]. Ниг. *аллелизм.*

**АЛЛЕ́ЛҲО**, [< юн. allelon якдигарӣ, байни якдигар]. *биол.* Шаклҳои гуногуни худи ҳамон як ген, ки дар минтақаҳои якхелаи (*локусҳои*) хромосомаҳои гомологӣ (ҷуфт) ҷойгир шуда, хусусиятҳои инкишофи ин ё он аломатро муайян мекунанд; дар ҳуҷайраи *диплоидӣ* дар як вақт на бештар аз ду аллел вуҷуд дошта метавонад; *аллеломорфҳо* низ гӯянд.

**АЛЛЕРГЕ́Н**, [фр. allergene <allergie аллергия + юн. genos пайдоиш, таваллуд]. *тиб.* Моддае, ки аллергияро ба вуҷуд меорад; бодангез (аллергиянгез); боднок.

**АЛЛЕ́РГИК,** [< *аллергия*]. Одаме, ки зуд-зуд ба *аллергия* гирифтор мешавад.

**АЛЛЕРГИ́Я**, [фр. allergie < юн. allos дигар + ergon таъсир]. **1**. *тиб.* Беморие, ки аз сабаби вокуниши нозуки организм ба таъсири ангезаҳои берунӣ (микробҳо,

сафедаҳо, моддаҳои бегона) рӯй медиҳад; ҳассосият баланд ё паст мешавад, луобпардаҳо варам мекунанд, нафастангӣ ва дар пӯсти бадан обила ё хоришак пайдо мешавад; бод. || Мқс. диатез, идиосинкразия. **2**. *маҷ*. Нафрат, кароҳат нисбати чизе ё касе.

**АЛЛЕРГО́ЛОГ,** [< *аллергология*]. Аллергияшинос, мутахассиси соҳаи *аллергология* (аллергияшиносӣ).

**АЛЛЕРГОЛО́ГИЯ**, [< *аллерг(ия)* + *…логия*]. *тиб*. Аллергияшиносӣ; соҳаи тиб, ки сабабҳои *аллергияро* меомӯзад ва усулҳои ташхис, пешгирӣ ва табобати бемориҳои аллергиро нишон медиҳад.

**АЛЛЕ́Я**, [фр. allee роҳи борик]. Роҳе, ки дар ду тарафаш дарахтҳо шинонда шудаанд (одатан, дар боғҳо); кӯчабоғ; гулгашт.

**АЛЛИГА́ТОР**, [англ. alligator]. *зоол*. Як навъ тимсоҳ дар Амрико (дарозиаш то 6,3 м) ва Осиёи шарқӣ (дарозиаш то 2,5 м). || Мқс. гавиал, кайман.

**АЛЛИЛУ́ЙЯ**, [ивр. қад.]. **1**. *нидо*. Шуҳрат афкан! (хитобия дар ибодати насрониён ва яҳудиён). **2**. Мадҳияи динӣ, ки дар калисоҳои насрониён ва яҳудиён хонда мешавад.

**АЛЛИЛХЛОРИ́Д**, [*аллил* +… *хлорид*]. Моеи беранги органикӣ, ки бӯйи тез дорад; барои ҳосил намудани спирти аллилӣ, *глитсерин*, дорувор, *сиклопропан*, *эпихлоргидрин* истифода бурда мешавад.

**АЛЛИТЕРА́ТСИЯ (АЛЛИТЕРА́ЦИЯ)**, [фр. alliteration]. *адш*. Як навъ санъати лафзӣ; барои афзудани таъсири сухан шоир калимаҳоеро паиҳам истифода мебарад, ки бо як ҳарф ё бо як ҳиҷо сар шудаанд, мас.: «Симинзақано, симтано, симъузоро…».

**АЛЛО, АЛЛЁ**, [англ. hello, hallo салом]. Ҷавоб ба занги телефон; лаббай; гӯшам ба шумо.

**АЛЛО…,** [< юн. allos дигар]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки робита ё ивазшавии як чизро бо чизи дигар ифода мекунад, мас., *алломорф, аллохтон*.

**АЛЛОГА́МИЯ**, [фр. allogamie < юн. allos дигар + gamos издивоҷ, ҷуфтшавӣ ]. *бот*. Гардолудшавии як гул бо гарди гули дигар, баъзан бо гарди гули растании дигар (гардолудшавии мутақобила). || Мқс. автогамия.

**АЛЛО́Д**, [ол. Allod]. *таър*. Дар қабилаҳои олмонии давраи феодалии Аврупои Ғарбӣ: амлок; заминҳои меросии шахсӣ ё оилавие, ки пурра дар ихтиёри соҳибонашон буданд.

**АЛЛОМОРФО́З**, [< юн. allos дигар + morphe шакл]. *биол*. Дар организм пайдо шудани тағйиротҳои эволютсионӣ вобаста ба муҳити зист; яке аз шаклҳои мутобиқшавӣ ба шароитҳои муайяни ҳаёт; *идиоадаптатсия* низ гӯянд.

**АЛЛОНИ́М**, [< юн. allos дигар + onyma ном]. Номи ягон шахс, ки шахси дигар ҳамчун тахаллус истифода кардааст (мас., Ҷалолиддини Румӣ номи Шамси Табрезиро дар ғазалҳояш тахаллус карда буд).

**АЛЛОПА́Т,** [< *аллопатия*]. Духтуре, ки бо усули *аллопатия* муолиҷа мекунад.

**АЛЛОПА́ТИЯ**, [< юн. allos дигар + pathos беморӣ]. *тиб.* Табобати ғайригомеопатӣ; усули муқаррарии табобат, ки хилофи *гомеопатия* аст.

**АЛЛОПЛА́СТИКА**, [ол. Alloplastik]. *тиб.* Иваз намудани қисмҳои иллатноки узвҳо ё бофтаҳо бо масолеҳи сунъӣ (металл, пластика ва ғ.). || Мқс. органопластика.

**АЛЛОТЕТРАПЛО́ИД**, [<юн. allos дигар + *тетра…* юн. haploos якка, ягона + eidos намуд]. *биол.* Организми дурагае, ки бо роҳи пайванд кардани ду намуди гуногуни растанӣ ё ҷуфтикунонии ду намуди ҳайвон пайдо шудааст; *амфидиплоид* низ гӯянд.

**АЛЛОТРО́ПИЯ**, [<юн. allos дигар + tropos тағйирот, хусусият]. *хим.* Мавҷудияти баъзе элементҳои химиявӣ дар шакли ду ё якчанд моддаи сода, мас., карбон дар табиат дар шакли алмос, графит ё ангишт вомехӯрад.

**АЛЛОХТО́НҲО**, [< юн. allos дигар + chthon замин]. **1**. *биол.* Организмҳои зиндае, ки дар ин ё он маҳал зиндагӣ мекунанд, аммо дар рафти инкишофи таърихӣ дар ягон ҷои дигар пайдо шудаанд. **2**. *геол.* Ҷинсҳои кӯҳӣ ва сарватҳои зеризаминие, ки на дар ҷойи пайдоиши аввалаашон, балки дар ҷойи дигар хобидаанд.

**АЛЛЮ́ВИЙ**, [< лот. alluvio]. Тӯдаҳои сангу реги обовард.

**АЛЛЮ́ЗИЯ**, [фр. allusion киноя]. *адш.* Талмеҳ; ишора кардани шоир дар шеъри худ ба қисса ё масали маъруфе, мас., дар мисраи Ҳофиз: «На ҳар кӣ оина созад, сикандарӣ донад» ба Искандар ва оина сохтани ӯ ишора шудааст.

**АЛЛЮ́Р**, [фр. allure < aller роҳгардӣ]. **1**. Тарзҳои гуногуни гашти асп, мас., юрға, резапо, чорхез ва ғ. **2**. Аломати шартӣ (одатан, салибчаҳо) дар рӯйи лифофаи маълумотномаи ҳарбӣ, ки суръати бурда расондани онро муайян мекунад, мас., «А. +++».

**АЛО́А**, – номи давлате, ки дар асри VI дар қисми ҷанубии Судони имрӯза ташкил ёфта буд; дар асри XV аз тарафи арабҳо забт карда шуд.

**АЛОГИ́ЗМ**, [фр. alogisme < а… не, бе + logos сухан, калима, мафҳум]. **1**. Бемантиқӣ; аз мантиқ дур; берун аз мантиқ. **2**. *фалс.* Инкор намудани мантиқ чун воситаи маърифати илмӣ; ба тафаккури мантиқӣ муқобил гузоштани дарки беихтиёронаи ҳақиқат, ваҳй ва эътиқод. **3**. Бо мақсади суханпардозӣ қасдан вайрон кардани робитаҳои мантиқӣ дар нутқ.

**АЛО́Э**, [< юн. aloe]. *бот.* Сабр; уд; уди ҳиндӣ; як навъ гиёҳи африқоӣ аз ҷинси *суккулентҳои* дарахтшакл, бутташакл ва алафшакл (360 намуд); баргҳои ғафси сершира дорад; баъзе намудҳои онро дар Тоҷикистон дар шароити хона парвариш кардан мумкин аст; шираи часпаки баргҳои он хусусияти зиддигазакӣ ва зиддибактериявӣ дорад, захмҳоро шифо мебахшад, аз ин рӯ дар тиб васеъ кор фармуда мешавад; аз нахи он ресмон, шолча ва маснуоти дигар мебофанд.

**АЛТА́Р (АЛТА́РЬ)**, [лот. altara]. **1**. Дар даврахои қадим – қурбонигоҳ дар ҳавои кушод. **2**. Дар аҳди атиқа – ҳама гуна иншооти болопӯшида. **3**. Меҳроб дар ибодатгоҳ.

**АЛУНИ́Т**, [фр. alunite]. *геол.* Минерал – сулфати асосии калий ва алюминий; санги зок низ гӯянд; барои ҳосил кардани зок, намаки калий, гилхок ва ғ. ба кор меравад.

**АЛФАВИ́Т**, [аз номи ду ҳарфи аввали алифбои юнонӣ – «алфа» ва «бета», чун «Алифбо», ки аз ду ҳарфи аввали алифбои арабӣ – «алиф» ва «бе» гирифта шудааст]. **1**. Алифбо; маҷмӯи ҳарфҳои бо тартиби муайян ҷобаҷошудаи ягон забон. **2**. Системаи рамзҳои аз якдигар ба куллӣ фарққунанда (ҳарфҳо, рақамҳо, аломатҳои китобатӣ ва ғ.), ки барои сохтани забонҳои барномасозӣ истифода бурда мешавад.

**АЛФЕ́Р**, [< *алюминий* + лот. Ferrum оҳан]. Хӯлаи оҳану алюминий (алюминий – 13%); асосан барои тайёр кардани табдилдиҳандаҳои электроакустикӣ истифода бурда мешавад.

**АЛХИ́МИК,** [< *алхимия*]. Кимиёгар, кимиёӣ.

**АЛХИ́МИЯ**, [< лот. alchimia < ар. алкимиё]. Кимиё; илми бардурӯғи асрҳои миёна, ки пеш аз химияи илмӣ ба вуҷуд омада буд; иксир ном «санги фалсафӣ»-и дар табиат набудаеро меҷуст, ки гӯё ба воситаи он минералҳои одӣ (мас., мис) ба тилло ва нуқра табдил дода мешаванд; дар рафти ин ҷустуҷӯ моддаҳое кашф карда шудаанд, ки баъдтар онҳоро химия истифода бурдааст.

**А́ЛБА (А́ЛЬБА)**, [< лот. alba *таҳт.* сапедадам, сафед]. Дар назми *трубадурҳо* – суруди бомдодӣ. || Мқс. серенада.

**АЛБАРУТЕ́НИКА (АЛЬБАРУТЕ́НИКА)**, [лот. albaruthenica < лот. alba *тахт.* сапедадам, сафед + лот. Ruthenia Рус]. Беларусшиносӣ; соҳаи илм, ки фарҳанг, забон, хат ва таърихи халқи беларусро тадқиқ мекунад.

**АЛБАТРО́С (АЛЬБАТРО́С)**, [фр. albatros]. *зоол.* Парандаи калони баҳрӣ аз ҷинси мурғи тӯфон, ки қаноти борики дароз ва нӯли калони хамида дорад; 13 намуди он маълум аст; асосан дар ҷазираҳои тропикӣ ва субтропикии Нимкураи ҷанубӣ лона мегузорад.

**АЛБЕ́ДО (АЛЬБЕ́ДО)**, [< лот. albus равшан]. *Коэффитсиенти* қобилияти инъикос; бузургие, ки дар сатҳи муайян чӣ қадар инъикос ёфтани селаи афканишот ё заррачаҳои электромагнитиро ифода мекунад. Мас., А-и хоки сиёҳзамин – 0,15; рег – 0,3-0,4; Замин (ба ҳисоби миёна) – 0,39; Моҳ – 0,07.

**АЛБЕДОМЕ́ТР (АЛЬБЕДОМЕ́ТР)**, [*албедо* +…*метр*]. Албедосанҷ: асбоб барои чен кардани *албедо*.

**АЛБИНИ́ЗМ (АЛЬБИНИ́ЗМ)**, [фр. albinisme < лот. albus сафед, равшан]. *тиб. биол.* Сафедии ғайриоддии пӯст, мӯй ё пардаи инабияи чашм, ки аз сабаби норасоии пигмент (моддаи рангкунанда) ба вуҷуд меояд. А.-и растаниҳо аз сабаби нест шудани ранги сабз пайдо мешавад.

**АЛБИНОИДИ́ЗМ (АЛЬБИНОИДИ́ЗМ)**, [< лот. albinoidismus]. *тиб.* Бемории сафедшавии як қабзаи мӯйи сар, пӯсти миёнаи пешонӣ, абрувон, зери манаҳ, қафаси сина, шикам ё дасту пойҳо.

**АЛБИНО́СҲО (АЛЬБИНО́СҲО)**, [< лот. albus сафед, равшан]. Одамон ё ҳайвоноте, ки дар онҳо нишонаҳои *албинизм* вуҷуд доранд.

**АЛБИО́Н (АЛЬБИО́Н)**, [келт. Albion]. Номи қадимаи ҷазираҳои Британия.

**АЛБИ́Т (АЛЬБИ́Т)**, [< лот. albus сафед, равшан]. *маъд. Алюмосиликати* натрий; минерали кристаллии сафед, зардчатоб ва гулобитоб аз гурӯҳи *плагиоклазҳо*.

**АЛБИТОФИ́Р (АЛЬБИТОФИ́Р)**, [< *албит*]. *маъд.* Ҷинси кӯҳии вулқонӣ, ки асоси онро *албит* ташкил медиҳад.

**АЛБИ́ТСИЯ (АЛЬБИ́ЦИЯ)**, [лот. Albizzia]. *бот.* Дарахт ё бутта аз оилаи нозгулҳо.

**АЛБО́М (АЛЬБО́М)**, [фр. album < лот. albus сафед, равшан]. **1**. Дафтар ё китоби варақҳояш тоза барои расмкашӣ, часпондани суратҳо, маркаҳо ва ғ. **2**. Маҷмӯаи суратҳо, нақшҳо, ангораҳо, ки дар шакли китоб чоп шудааст. **3**. Маҷмуи суруду мусиқии артист ё оҳангсоз, ки дар қарта ё қурс (диск) сабт шудаанд.

**АЛБОРА́ДО (АЛЬБОРА́ДО)**, [исп. alborada]. **1**. Суруди чӯпонони испанӣ бахшида ба тулӯи офтоб. **2**. Консерти бомдодӣ дар ҳавои кушод.

**АЛБУМИНУРИ́Я (АЛЬБУМИНУРИ́Я)**, [фр. albuminurie < лот. albumen сафеда + юн. uron пешоб]. *тиб.* Бо пешоб ҷудо шудани *албуминҳо*. || Мқс. бактериурия, гематурия, гликозурия.

**АЛБУМИ́НҲО (АЛЬБУМИ́НҲО)**, [фр. albumine сафедадор < лот. albumen сафеда]. *хим., биол.* Сафедаҳои одитарини табиӣ; протеинҳои дар об ҳалшаванда, ки дар таркиби сафедаи тухми мурғ, хун, шир ва тухми гиёҳҳо вуҷуд доранд; дар соҳаҳои тиб, қаннодӣ ва бофандагӣ ба кор мераванд. || Мқс. гистонҳо, глобулинҳо.

**АЛВЕО́ЛАҲО (АЛЬВЕО́ЛАҲО)**, [< лот. alveolus новача, чуқурича, хонача, ҳубобча]. *анат.* **1**. Дандонхонаҳо; чуқуричаҳои ҷоғ, ки дар онҳо решаҳои дандон ҷойгир шудаанд. **2**. Ҳубобчаҳои нӯги найчаҳои шуш.

**АЛВЕОЛИ́Т (АЛЬВЕОЛИ́Т)**, [< лот. alveolus новача, чуқурича, хонача, ҳубобча]. *тиб.* **1**. Варами дандонхонаҳо (*алвеолаҳо*). **2**. Варами ҳубобчаҳои (*алвеолаҳои*) шуш бе зарар дидани *бронхҳо*.

**АЛВЕОЛЯРӢ (АЛЬВЕОЛЯРӢ)**, [ниг. *алвеолаҳо*]. **1**. Мансуб ба *алвеолаҳо*. **2**. *збш.* Ҳ а м с а д о ҳ о и а л в е о л я р ӣ – ҳамсадоҳое, ки дар вақти талаффузи онҳо нӯги забон ба алвеолаҳои коми боло мерасад, мас., ҳамсадои англисии [t].

**АЛГВАСИ́Л (АЛЬГВАСИ́Л)**, [исп. alguasil]. Мансабдори суд ё полис дар Испания.

**АЛГИТСИ́ДҲО (АЛЬГИЦИ́ДҲО)**, [< лот. alga обсабз, алафи обӣ + caedo мекушам]. Доруҳои химиявӣ аз гурӯҳи гербитсидҳо барои нест кардани растаниҳои даруни ҷӯйҳо, каналҳо, обанборҳо ва ғ.

**АЛГОЛО́ГИЯ (АЛЬГОЛО́ГИЯ)**, [< лот. alga обсабз, алафи обӣ + … *логия*]. *бот.* Обсабзшиносӣ; соҳаи ботаника, ки обсабзҳоро меомӯзад.

**АЛГРА́ФИЯ (АЛЬГРА́ФИЯ)**, [< *алюминий* + юн. grapho менависам]. Усули чопи ҳамвори офсетӣ аз рӯи қолабе, ки дар тунукаи алюминӣ тайёр карда шудааст.

**АЛДЕГИ́ДҲО (АЛЬДЕГИ́ДҲО)**, [лот. aldehyd]. *хим*. Пайвастҳои органикии дорои гурӯҳи *карбонилӣ* (C=O 2), ки бо атоми гидроген пайваст мебошад.

**АЛДОСТЕРО́Н (АЛЬДОСТЕРО́Н)**, [< *алдегидҳо*]. Гормони ҳайвонот ва одам, ки дар қишри ғадудҳои зери меъда ҳосил шуда, мубодилаи моддаҳоро дар организм, хусусан мубодилаи катионҳои натрий, калий ва обро танзим менамояд.

**АЛКО́В (АЛЬКО́В)**, [фр alcove]. Равоқ; тахтмон; тоқ барои кати хоб.

**А́ЛМА-МА́ТЕР (А́ЛЬМА-МА́ТЕР)**, [лот. alma mater модари ширдиҳанда]. Номи қадимии донишгоҳ (ки ғизои маънавӣ медиҳад); ин ибораро одатан ё навозишкорона ё ҳазломез ва ё кинояомез ба кор мебаранд.

**АЛМАНА́Х (АЛЬМАНА́Х)**, [< ар. al- manach тақвим]. **1**. Баёз; маҷмӯаи гулчини асарҳои адибони гуногун. **2**. Дар замони қадим (хусусан, дар асрҳои миёна) – тақвиме, ки ҳар гуна маълумот, асосан пешгӯиҳои *астрологӣ* дошт.

**АЛМАНДИ́Н (АЛЬМАНДИ́Н)**, [< лот. alabandina]. *маъд*. Минерале гурӯҳи ақиқҳо, ки рангаш сурхи арғувонӣ ва сурхи бунафштоб мебошад; силикати мураккаби алюминий ва оҳан.

**АЛМЕ́НДА (АЛЬМЕ́НДА)**, [ол. Allmende]. Дар Аврупои Ғарбии замонҳои феодалӣ – заминҳое, ки моликияти умумии аъзоёни қабила ҳисоб мешуданд.

**АЛПАКА́ (АЛЬПАКА́)**, [исп. alpaca]. **1**. *зоол*. Ҳайвони ҷуфтсуми хонагӣ аз оилаи шутурҳо, ки пашми қиматбаҳо дорад; асосан дар минтақаҳои баландкӯҳи Перу ва Болиявия барои гирифтани пашм парвариш карда мешавад. **2**. Матои сабуке, ки аз пашми ин ҳайвон истеҳсол мешавад. 3. Яке аз намудҳои нейзилбер – хӯлаи сафеди мис, никел ва руҳ, ки муқовимати баланди электрикӣ дошта, ба зангзанӣ тобовар аст.

**АЛПА́РИ (АЛЬПА́РИ)**, [ит. al pari баробар]. *мол*. Баробарии қурби бозории (биржавии) пул, коғазҳои қиматнок, векселҳо ва ғ. бо арзиши номиналии онҳо.

**АЛПЕНШТО́К (АЛЬПЕНШТО́К)**, [ол. Alpenstock < Alpen кӯҳи Алп + Stock чӯбдаст]. Чӯбдасти нӯгаш оҳандори кӯҳнавардон (алпинистҳо).

**АЛПИНА́РИЙ (АЛЬПИНА́РИЙ)**, [аз номи кӯҳи Алп]. Қитъаи серсанги боғ, ки дар он растаниҳои баландкӯҳ (алпӣ) шинонда ё кошта мешаванд.

**АЛПИНИ́ЗМ (АЛЬПИНИ́ЗМ)**, [аз номи кӯҳи Алп]. Кӯҳнавардӣ; намуди варзиш, ки аз кӯҳбароӣ, фатҳи қуллаҳои баланд иборат аст.

**АЛПИНИ́СТ (АЛЬПИНИ́СТ)**, [аз номи кӯҳи Алп]. Кӯҳнаворд; сайёҳи кӯҳгард; варзишгаре, ки бо *алпинизм* машғул аст.

**АЛСЕ́ККО (АЛЬСЕ́ККО)**, [ит. al secco]. Нақши девор дар рӯи андоваи хушк; як намуди гаҷкорӣ.

**АЛТ (АЛЬТ)**, [ит. alto < лот. altus баланд]. *мус*. **1**. Овози бами бачагона ё занона. **2**. Писарбачае, ки бо чунин овоз месарояд. **3**. Қисми алоҳидаи (*партияи*) хор ё асари мусиқии вокалӣ, ки бо чунин овоз сароида мешавад. **4**. Асбоби мусиқии ғижжакмонанд, ки аз ғижжак калонтар аст. **5**. Асбоби мусиқии мисии нафасӣ.

**АЛТА́ЗИМУТ (АЛЬТА́ЗИМУТ)**, [< лот. altus баланд + *азимут*]. *астр*. Асбоби астрономӣ барои муайян кардани баландӣ ва *азимути* (самт ва мавқеи) ҷирмҳои осмонӣ.

**АЛТЕРА́ТСИЯ (АЛЬТЕРА́ЦИЯ)**, [< лот. alteratio тағйирёбӣ]. **1**. *мус*. Як парда ё ним парда болотар ё поёнтар гирифтани оҳанг. **2**. *биол*. Тағйирёбии функсия ва сохти ҳуҷайраҳо, бофтаҳо ва узвҳо бо таъсири иллату осебҳои гуногун.

**АЛТЕРНАРИО́ЗҲО (АЛЬТЕРНАРИО́ЗҲО)**, [< лот. altero вайрон мекунам, хароб мекунам]. *бот*. Бемории растаниҳо, ки барангезандагони он занбурӯғҳои муфтхӯр (паразитӣ) мебошанд; мас., дар баргҳои караме, ки ба ин беморӣ дучор шудааст, доғҳои сиёҳ пайдо мешаванд.

**АЛТЕРНА́Т (АЛЬТЕРНА́Т)**, [фр. alternat]. Тартиби имзогузорӣ ба шартномаи байналмилалӣ.

**АЛТЕРНАТИ́ВА (АЛЬТЕРНАТИ́ВА)**, [фр. alternative]. **1**. Зарурати интихоб аз ду ё зиёда имконияти якдигарро истиснокунанда. **2**. Ҳар кадоме аз ин имкониятҳо. **3**. Дар илми мантиқ – муносибате, ки аз фикрронии алоҳида-алоҳида (дизъюнктивӣ) ба миён меояд.

**АЛТЕРНАТИВӢ (АЛЬТЕРНАТИВӢ)**, [< фр. alternative]. Чизе, ки ба ҷои чизи дигар истифода мешавад; чизе, ки ягон чизи дигарро иваз мекунад; мас., сӯзишвории А. – сӯзишворие, ки ба ҷои сӯзишвории асосӣ ва муқаррарӣ истифода бурда мешавад.

**АЛТЕРНА́ТСИЯ (АЛЬТЕРНА́ЦИЯ)**, [лот. alternatio]. *збш*. Мунтазам иваз шудани овозҳо дар асоси калима ва аффиксҳо.

**А́ЛТЕР Э́ГО (А́ЛЬТЕР Э́ГО)**, [лот. alter ego]. «Ман»-и дигар, яъне ҳамфикр, ҳаммаслак, дӯсти наздик ва эътимоднок.

**АЛТИГРА́Ф (АЛЬТИГРА́Ф)**, [< лот. altum баланд + … *граф*]. Баландисанҷи худнавис.

**АЛТИМЕ́ТР (АЛЬТИМЕ́ТР)**, [< лот. altum баланд + … *метр*]. Баландисанҷ; асбобе, ки баландии ҷои воқеъшавии воситаи нақлиётро дар кӯҳ ё баландии парвози ҳавопаймо, чархбол ва ғ.-ро нишон медиҳад. || Мқс. алтиграф.

**А́ЛТИНГ (А́ЛЬТИНГ)**, [исл. althing]. Парламент дар Исландия.

**АЛТИ́СТ (АЛЬТИ́СТ)**, [< *алт*]. Алтнавоз.

**АЛТИТУ́ДА (АЛЬТИТУ́ДА)**, [лот. altitudo баландӣ]. Баландии мутлақ; баландии нуқтаи сатҳи Замин нисбат ба сатҳи уқёнус.

**АЛТ-РОК (АЛЬТ-РОК)**, [англ. altrock]. *мус*. Равияе дар рок-мусиқӣ, ки сабкҳои гуногуни рокро муттаҳид намуда, худро бо рок-мусиқии анъанавӣ муқобил мегузорад; роки алтернативӣ.

**АЛТРУИ́ЗМ (АЛЬТРУИ́ЗМ)**, [фр. altruisme < лот. alter дигар, ғайр]. Хайрхоҳӣ ба дигарон; ғайрпарастӣ; ғамхории беғаразона ба дигарон бар зарари манфиатҳои шахсии худ (баръакси *эгоизм*).

**АЛТРУИ́СТ (АЛЬТРУИ́СТ),** [< *алтруизм*]. Хайрхоҳи дигарон; пайрави *алтруизм*.

**АЛТЭРНАМЭ́НТЕ (АЛЬТЭРНАМЭ́НТЕ)**, [ит. alternamente]. Пасиҳам; бонавбат (дар мусиқӣ).

**А́ЛФА (А́ЛЬФА)**, [юн. alpha]. **1**. Номи ҳарфи аввали алифбои юнонӣ. **2**. Оғози чизе ё коре; «алфа ва омега» – оғоз ва анҷом; ибтидо ва интиҳо. **3**. *физ*. Аломати яке аз ҳолатҳои модда, мас., алфа-оҳан. Алфа-зарра – ядрои атоми *гелий*; аз ду *протон* ва ду *нейтрон* иборат аст. Алфа-оҳан – яке аз ҳолатҳои аллотропии оҳан, ки дар ҳарорати 769 дараҷа рӯй медиҳад. Алфа-таҷзия – тағйироти радиоактивии ядрои атом, ки дар аснои он алфа-зарра ҷудо мешавад.

**АЛФАТРО́Н (АЛЬФАТРО́Н)**, [< *алфа*… + … *электрон*]. *Вакуумметри* радиоактивӣ; асбоб барои муайян кардани фишори газ.

**АЛФО́НС (АЛЬФО́НС)**, [фр. Alfonso аз номи қаҳрамони мазҳакаи А. Дюма (писар) «Ҷаноби Алфонс»]. Олуфтаи муфтхӯр; марди фосиқу занакабозе, ки бо пули зан (занҳо) зиндагӣ мекунад. || Мқс. жиголо; сутенёр.

**АЛФРЕ́СКО (АЛЬФРЕ́СКО)**, [< ит. al fresco]. Нақши рӯи девор, ки бо рангҳои обӣ дар рӯи андоваи тар кашида мешавад.

**АЛЯ́НС (АЛЬЯ́НС)**, [фр. alliance]. Иттиҳоди (иттифоқи) давлатҳо. || Мқс. блок; коалитсия.

**АЛЮМЕ́Л (АЛЮМЕ́ЛЬ)**, [< *алюминий* + *никел*]. Хӯлаи никел бо 6% (ҷамъулҷамъ) алюминий, марганетс, кремний, кобалт, руҳ;

**АЛЮМИНА́ТҲО**, [< *алюминий*]. *хим*. Намакҳои кислотаи алюминий.

**АЛЮМИ́НИЙ**, [< лот. alumen зок]. *хим*. Элементи химиявӣ, рамзаш Al (Aluminium); металли сабуки сафеди нуқратоб, нарм ва зудгудоз; ба зангзанӣ тобовар аст; дар сохтмон, авиатсия, асбобсозӣ ва ғ. истифода мешавад.

**АЛЮМИНО́З**, [< *алюминий*]. *тиб*. *Пневмокониози* касбӣ, ки дар натиҷаи нафас кашидан аз чанги алюминий ва пайвастҳои он пайдо мешавад.

**АЛЮМИНОТЕРМИ́Я, АЛЮМОТЕРМИ́Я**, [< *алюмино*… + юн. thermos гарм]. Усули ҳосил кардани металлҳо (марганетс, хром, ванадий ва ғ.) бо ёрии алюминий бо роҳи аз нав барқарор кардани оксидҳои онҳо; барои кафшер кардани релсҳо, қубурҳо ва истеҳсоли моддаҳои оташзойи тарканда истифода мешавад.

**АЛЮМОСИЛИКА́ТҲО**, [< *алюминий* + *силикатҳо*]. Як қатор минералҳо аз қабили шпати саҳроӣ, слюда, хлоритҳо ва ғ.

**АЛЯСКИ́Т**, [< англ. Alaska Аляска]. *маъд.* Ҷинси кӯҳии интрузивии турш; хоросанге, ки камаш 5% минерали ранга дорад; аввалин маротиба дар нимҷазираи Аляска кашф карда шудааст ва номаш аз ҳамин ҷост.

**АЛЯФУРШЕ́Т**, **АЛЯ ФУРШЕТ, АЛЯ-ФУРШЕТ**, [фр. a la fourchette]. Як навъи зиёфат, ки дар он ҳар кас аз миз ё лаълӣ ба миқдори зарурӣ газак ё таом гирифта, рост истода тановул мекунад; А. одатан бегоҳӣ, соатҳои 17 ё 18 ташкил карда мешавад ва он ба зиёфати «мизи шведӣ» монанд аст; барои бо ҳамдигар шинос кардани намояндагони ширкатҳои гуногун, ҷашн гирифтани санаҳои ботантана, муаррифиҳо (*презентатсияҳо*) барпо карда мешавад.

**АМАВРО́З**, [юн. қад. amauros тира, кӯр]. Кӯрии ҳарду чашм дар натиҷаи *глаукома* (оби сабз), диабет, трахома ва ғ.

**АМАЗОНИ́Т**, [аз номи дарёи Амазонка]. *маъд.* Санги амазонӣ; яке аз навъҳои шпати саҳроӣ, ки рангаш сабз ё сабзи кабудтоб мебошад; дар сохтмон барои пардоз додани деворҳо ва сутунҳо ба кор меравад.

**АМАЗО́НКА**, [< юн. amazon < a… бе + mazos сина; мувофиқи ривоятҳои қадим, барои қулай шудани камонандозӣ синаи рости амазонкадухтаронро дар кӯдакиашон месӯзонданд]. **1**. Дар асотири Юнони Қадим – қабилаи ҷанговарзаноне, ки дар соҳилҳои Бахри Сиёҳ, Скифия ва Лубнон зиндагӣ мекарданд; бо мардҳо фақат бо мақсади нигоҳ доштани насл муҷомаат менамуданд (писарчаҳои навзодро нобуд мекарданд, духтарҳоро нигоҳ медоштанд). **2**. Аспсаворзан (аспсавордухтар). **3**. Куртаи дарози занона барои аспсаворӣ.

**АМАЛГА́МА (АМАЛЬГА́МА)**, [лот. amalgama]. **1**. *хим.* Хӯлаи симоб бо металлҳои дигар; дар ойинасозӣ, маталлургияи ранга истифода мешавад. **2**. *маҷ.* Омехтаи ҳар гуна фикрҳо, ғояҳо, мафҳумҳо, ашё.

**АМАЛГАМА́ТСИЯ (АМАЛЬГАМА́ЦИЯ)**, [< лот. amalgama]. **1**. Ҳал кардани метал дар симоб; ҳосил кардани *амалгама*. **2**. Ба рӯи метал андудани симоб. **3**. Усули аз фулузреза ё рег истихроҷ намудани нуқра, тилло, *платина*. **4**. *маҷ.* Дар як марказ гирд овардани (мутамарказ гардондани) сармоя бо роҳи муттаҳидсозии ширкатҳо, иттифоқҳо, корпоратсияҳо, ҷамъиятҳои саҳҳомӣ ва ғ.

**АМАРА́НТ**, [< юн. amarantos пажмурданашаванда]. *бот.* **1**. Як навъ алаф аз оилаи амарантҳо, ки баъзе аз навъҳои он дар боғҳо ҳамчун буттаҳои ороишӣ кошта мешаванд. **2**. Як навъ дарахти чӯбаш сурх, ки аз он ҳар гуна ашёи гаронбаҳо месозанд; асосан дар Амрикои Ҷанубӣ мерӯяд.

**АМАРИ́ЛЛИС**, [< юн. amarysso медурахшам, ҷило медиҳам]. *бот.* Як навъ алафи пиёзбех дар Африқои Ҷанубӣ, ки гулҳои калони зебо дорад; чун растании ороишӣ парвариш мекунанд.

**АМБАЛА́Ж**, [фр. emballage]. **1**. Масолеҳи бастапечонӣ. **2**. Хароҷоти бастапечонии (қуттиандозии) бор.

**АМБИ**..., **АМБО**..., [< лот. ambi дар гирди..., дар назди..., аз ҳарду тарафи...]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки духӯрагӣ, дутарафагӣ, духелагӣ, дувазифагӣ, амали мутақобиларо ифода мекунад, мас., *амбивалентӣ*, *амбосептор*.

**АМБИВАЛЕНТӢ**, [< лот. ambi аз ҳарду тараф, духӯра + valentia қувва]. **1**. Духӯрагии таассурот, вақте ки худи ҳамон як объект нисбати худ дар одам ҳамзамон ду ҳиссиёти зидди якдигарро бедор мекунонад, мас., муҳаббат ва нафрат. **2**. Рафтори (вокуниши) А.– зоҳир гардидани ду рафтори муқобили якдигар бо таъсири худи ҳамон як ангезанда; ҳамзамон нишон додани ду вокуниши аз якдигар фарққунанда.

**АМБИОФОНӢ**, [< лот. ambi аз ҳар тараф, дар атроф + юн. phone овоз]. Системаи амбиофонӣ – маҷмӯи асбобҳои электроакустикӣ (микрофонҳо, қувватфизоҳо, баландгӯякҳо ва ғ.), ки дар театрҳо ва толорҳои консертӣ гузошта мешаванд, то ки садо дар ҳар кадом гӯшаи толор хуб шунида шавад.

**АМБИСТО́МҲО**, [< юн. ambys паҳн+ stoma даҳон]. *зоол*. Оилаи обхокиҳои думдоре, ки дар Амрикои Шимолӣ ва Марказӣ зиндагӣ мекунанд (такр. 20 намуд).

**АМБИ́ТСИЯ (АМБИ́ЦИЯ)**, [< лот. ambitio]. **1**. Иззати нафс; такаббур; мағрурӣ; шӯҳратпарастӣ. **2**. Иддаои беасос ба чизе.

**АМБЛИГОНИ́Т**, [< юн. ambys паҳн, кунд + gonia кунҷ]. Минерал, фосфати асосии мураккаби алюминий ва литий бо омехтаи натрий ва ванадий, ки дар шакли *агрегатҳои* кристаллии сафед вомехӯрад.

**АМБЛИОПИ́Я**, [< юн. ambys суст, кунд + ops чашм]. *тиб*. Суст шудани қувваи биноӣ дар натиҷаи вайроншавии кори анализаторҳои босира.

**АМБЛИОФОНИ́Я**, [лот. ambliophonia]. *тиб*. Суст шудани қувваи шунавоӣ.

**АМБРАЗУ́РА**, [фр. embrasure]. **1**. *ҳарб*. Почанг; сӯрохӣ дар девори қалъа, истеҳком, киштиҳои ҳарбӣ ва мошинҳои зиреҳпӯш барои тирандозӣ. **2**. *меъм*. Ҷои дар ё тиреза дар девор.

**АМБРО́ЗИЯ, АМБРО́СИЯ**, [лот. ambrosia < юн. ambrosia]. **1**. Дар асотири Юнони Қадим – ғизои худоён, ки гӯё онҳоро абадан ҷавон ва намиранда мекардааст. **2**. Марҳами хушбӯй; мушк; анбар. **3**. Хӯроки ниҳоят лазиз. **4**. *бот*. Ҷинси алаф аз оилаи мураккабгулҳо, ки гарди он варақаи хасбедагиро ба вуҷуд меорад (такр. 40 намуд).

**АМБУЛАТО́РИЯ**, [лот. ambulatorius сайёр]. Дармонгоҳ; муассисаи тиббие, ки беморонро фақат дар рӯз (шаб нахобонда) муолиҷа мекунад. || Мқс. поликлиника.

**АМБУШЮ́Р**, [фр. embouchure]. **1**. Қисми асбоби мусиқии нафасӣ, ки навозанда ба он лабашро гузошта, менавозад; *мундштук* низ гӯянд. **2**. Тарзи гузоштани лабу забон ба асбоби мусиқии нафасӣ ҳангоми навохтани он.

**АМВО́Н**, [юн. anbon]. Минбари назди меҳроб дар калисо, ки аз он ҷо ваъз мегӯянд.

**АМЁБАҲО**, [< юн. amoibe тағйирот, дигаргунӣ]. *зоол.* Ҳайвонҳои майдаи якҳуҷайраи ибтидоӣ, ки баданашон шакли муайян надорад; ба одамон ва ҳайвонот сироят намуда, ба бемории *амёбиаз* (исҳоли хунини амёбагӣ) гирифтор мекунанд.

**АМЁБИА́З**, [< *амёбаҳо*]. *тиб.* Исҳоли хунини (*дизентерияи*) амёбагӣ; бемории музмине, ки барангезандагони он амёбаҳои ангали рӯдаи ғафс ва узвҳои дигар мебошанд.

**АМЁБОСИ́ТҲО**, [< *амёбаҳо* + *лейкоситҳо*]. *биол.* Ҳуҷайраҳои беранги хуни ҳайвоноти бемӯҳра, ки қобиланд ҷисмҳои бегонаро дошта гирифта, ҳазм намоянд; дар организми одамон ва ҳайвоноти мӯҳрадор ин вазифаро *лейкоситҳо* иҷро мекунанд.

**АМЕНОРЕ́Я**, [< юн. a… не, бе + men моҳ+ rheo равон мешавам]. Беҳайзӣ; қатъ шудани ҳайзи занон дар натиҷаи бемориҳои ирсӣ, эндокринӣ, гинекологӣ, инчунин бемориҳои системаи асаб. || Мқс. дисменорея.

**АМЕ́НТСИЯ**, [лот. amentia беақлӣ, девонагӣ]. *тиб.* Ихтилоли шуур; яке аз шаклҳои вайроншавии шуур, ки бо берабтии тафаккур, мушаввашхотирӣ, ҳаяҷоннокӣ, ба ёд оварда натавонистани ҳодисаҳо зоҳир мегардад; ҳангоми бемориҳои сироятии шадид, заҳролудшавӣ, баъзе намудҳои омос ва *авитаминоз* мушоҳида карда мешавад.

**АМЕРИКАНИ́ЗМҲО**, [< Америка]. Калимаю ибораҳое, ки ба лаҳҷаи амрикоии забони англисӣ хосанд, мас., калимаи *гангстер*.

**АМЕРИКА́НКА**, [< Америка]. **1**. Як навъ бозии билярд, ки дар он ҳар кадом саққоро бо ҳар кадом саққои дигар задан мумкин аст. **2**. Аробаи дучархаи пойгагӣ

**АМЕРИ́НДҲО**, [< англ. American Indians]. Номи шартии ҳиндуёни Амрико.

**АМЕРИ́ТСИЙ (АМЕРИ́ЦИЙ)**, [лот. Americium]. *хим.* Элементи радиоактивии сунъӣ, рамзаш Am; металли нуқраранги гурӯҳи III системаи даврӣ аз оилаи актиноидҳо, ки аввалин маротиба дар Амрико ҳосил карда шудааст ва номаш аз ҳамин ҷост.

**АМЕТИ́СТ**, [< юн. amethystos <a не… + methysko маст мешавам]. *маъд.* Санги қиматбаҳо; яке аз намудҳои шаффоф ва бунафштоби квартс, ки асосан дар заргарӣ ба кор меравад; юнониёни қадим онро воситаи зидди мастшавӣ медонистанд ва номаш аз ҳамин ҷост.

**АМЕТРОПИ́Я**, [< юн. a не… + metron ченак + opsis босира]. *тиб.* Босираи номӯътадил; дурбинӣ ё наздикбинӣ; одатан дар натиҷаи суст шудани қобилияти нуршикании (*рефраксияи*) чашм пайдо мешавад.

**АМИДАИ́ЗМ**, [яп. < *санскрит*]. Парастиши буддо Амид дар дини буддоии японҳо.

**АМИ́ДҲО**, [фр. amide]. *хим.* Пайвастҳои химиявие, ки бо роҳи иваз намудани як атоми гидрогени аммиак бо металл ҳосил карда мешавад.

**АМИКОШОНӢ**, [< фр. ami дӯст + cochon хук]. Р а ф т о р и  А . – рафтори густохона ва бетакаллуфона.

**АМИ́Л**, [юн. amylon крахмал]. *хим.* Радикали органикии $C_5H_{11}$ (яъне молекулаи пентан бе як атоми гидроген); дар сохтани номҳои пайвастҳои химиявӣ истифода мешавад.

**АМИЛА́ЗҲО**, [юн. amylon крахмал]. *хим.* Ферментҳои синфи гидролаз, ки таҷзияи гидролитии гликоген, крахмал ва дигар полисахаридҳои организмҳои зиндаро метезонанд; дар ҳазми хӯрок иштирок мекунанд; дар саноати спирткашӣ, нонпазӣ ва истеҳсоли глюкозаҳо истифода мешаванд.

**АМИЛАСЕТА́Т (АМИЛАЦЕТА́Т)**, [юн. amylon крахмал + *атсетатҳо*]. *хим.* Пайвасти органикӣ, эфири *амилии* кислотаи сирко, моеи беранге, ки бӯйи мева мекунад; чун ҳалкунандаи локу рангҳо ба кор бурда мешавад.

**АМИЛОДЕКСТРИ́Н**, [юн. amylon крахмал + *декстринҳо*]. *хим.* Маҳсули ибтидоии гидролизи крахмал.

**АМИЛОИДО́З**, [< юн. amylon крахмал + eidos намуд]. *тиб.* Пайдо ва таҳшиншавии моддаҳои сафедагии амилоид дар бофтаҳо; дистрофияи (вайроншавии ғизогирии) бофтаҳо; бемории генетикист, баъзан чун оризаи инфексияҳои музмин, мас., *остеомиелит* ба вуҷуд меояд.

**АМИЛОПЛА́СТҲО**, [юн. amylon крахмал + *пластҳо*]. *биол.* Яке аз намудҳои лейкопластҳо, пластидҳои беранг дар ҳуҷайраҳои растаниҳо, ки крахмалро ҷамъ ва синтез мекунанд.

**АМИМИ́Я**, [< юн. а не, бе… + mimos тақлид]. *тиб.* Суст ё тамоман нест шудани ҳаракати чеҳра (мимика) дар натиҷаи бемориҳои рӯҳӣ, *паркинсонизм* ва ихтилоли асабҳои рӯй.

**АМИНО**…, [фр. amino… < am(monium) аммоний + пасв. -ine]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки ба *аминҳо* мансубият доштанро ифода мекунад, мас., *аминокислотаҳо, аминопластҳо*.

**АМИНОКИСЛО́ТАҲО**, [< *амин* + *кислотаҳо*]. *хим.* Синфи пайвастҳои органикие, ки дорои хосияти кислотаю амин мебошанд; А. дар бофтаҳои ҳайвоноту наботот, сафеда ва диг. пайвастҳо мавҷуд буда, дар ҳолати озод низ вомехӯранд; зиёда аз 20 хели А.-и табиӣ ва сунъӣ маълум аст.

**АМИНОСПИ́РТҲО**, [< *амин* + *спиртҳо*]. *хим.* Пайвастҳои органикие, ки дар молекулаашон як ё якчанд гурӯҳи чи аминӣ ва чи гидроксилӣ (спиртӣ) доранд.

**АМИ́НҲО**, [фр. amine]. *хим.* Синфи пайвастҳои органикӣ; ҳангоми дар аммиак ($NH_3$) атомҳои гидрогенро иваз намудани радикалҳои карбогидрид (R) ҳосил мешаванд; барои истеҳсол намудани ранг, моддаҳои тарканда, доруҳои тиббӣ, полимерҳо истифода мебаранд.

**АМИТА́БҲА**, [санс.]. Яке аз буддоҳои асосии маҳаяна ва ваҷраяна, ки хуррамкишвари осмониро офаридааст.

**АМИТО́З**, [< а… + митоз]. *биол.* Таҷзияи мустақими ҳуҷайра; ин ҳолат одатан дар организмҳои якҳуҷайра рӯй медиҳад; дар аснои амитоз ядро ба ду ё чандин қисм

ҷудо мешавад, баъд аз ин ситоплазма ба вуҷуд омада, ҳуҷайраҳои нав пайдо мешаванд. || Мқс. мейоз, митоз.

**А́МИЯ**, [лот. Amia calva]. *зоол.* Лойқамоҳӣ; ягона намояндаи имрӯзаи гурӯҳи моҳиҳои лойқагӣ, ки дар кӯлҳои на чандон чуқури Амрикои Шимолӣ зиндагӣ мекунад.

**АММИА́К**, [фр. ammoniac < юн. hals ammoniakos номи навшодире, ки дар водии Аммониум (биёбони Либия) ҳосил мекарданд]. *хим.* Пайвасти химиявии нитроген бо гидроген ($NH_3$) – гази беранг, заҳрнок ва тундбӯй; барои истеҳсол намудани нуриҳо, инчунин дар яхдонҳо истифода мебаранд.

**АММО́НИЙ**, [фр. ammoniac < юн. hals ammoniakos]. *хим.* Радикале, ки дар шакли озод вуҷуд надорад, вале ба таркиби бисёр пайвастҳо дохил мешавад, мас., хлориди аммоний (навшодир), нитрати аммоний (селитраи аммоний); дар техника ва кишоварзӣ ба кор бурда мешавад.

**АММОНИ́ТҲО**, [< *аммо(ний)* + *нит.(ро)…*]. Омехтаҳои таркандаи аммиакӣ-селитрагӣ, ки дар таркибашон пайвастҳои нитрогенӣ доранд. || Мқс. аммонал, гексаген, динамит, тротил.

**АМНЕЗИ́Я**, [< юн. a не, бе… + mnesis ёд, хотира, ҳофиза]. *тиб.* Заъфи қувваи хотира; суст ё тамоман гум шудани хотира; ба ёд оварда натавонистани номҳо, мафҳумҳо ё ҳодисаҳое, ки дар давраи муайян рӯй додаанд. || Мқс. парамнезия.

**АМНИО́Н**, [< юн. amnion пардаи ҷанин, ҷанинпарда]. *биол.* Яке аз пардаҳои ҷанини ҳайвоноти олии мӯҳрадор ва одам, ки ҷанинро аз лат хӯрдан муҳофизат мекунад.

**АМНИО́ТҲО**, [< юн. amnion пардаи ҷанин]. *биол.* Ҳайвоноти олии мӯхрадор (хазандаҳо, паррандаҳо, ширхӯрҳо), ки дар зинаҳои аввали инкишофашон дар батни онҳо ҷанинпардаҳо (амнионҳо) пайдо мешаванд.

**АМНИ́СТИЯ**, [< юн. amnestia афв]. *ҳуқ.* Афви гуноҳ; қисман ё пурра афв (бекор, сабук) кардани ҷазо, ки бо фармони ҳокимияти олӣ ба ҷо оварда мешавад.

**А́МОК**, [мал.]. Беморни рӯҳии (девонагии) ногаҳон пайдошавандае, ки бештар дар байни сокинони таҳҷойии галаҷазираҳои Малай мушоҳида карда мешавад; шахсе, ки ба ин беморӣ гирифтор шудааст, ба ҳар тараф медавад ва ҳар одам ё ҷонвареро, ки аз пешаш баромад, ваҳшиёна мекушад.

**АМО́Н, АММО́Н**, [юн. Amon]. Дар асотири динии мисриёни қадим – номи худои офтоб, шоҳи худоён, ҳомии ҳокимияти фиръавнҳо; дар шакли одами қанотдор ва бо каллаи гӯсфанди шохдор тасвир карда мешуд. *Ра* низ гӯянд.

**АМОРАЛИ́ЗМ**, [< *а…* не, бе… + лот. moralis ахлоқ]. Бадахлоқӣ; бадрафторӣ; инкор намудани принсипҳои ахлоқӣ, виҷдон, шараф ва меъёрҳои рафтори дар ҷомеа эътирофшуда. *Имморализм* низ гӯянд.

**АМОРЕ́ЛИ**, [фр. Amoure]. Як навъ олуболу (олучабандак), ки рангаш сурхи паст ё гулобист, шираш беранг аст.

**АМОРТИЗА́ТОР**, [< фр. amortir суст кардан]. Зарбагир; асбоб барои суст кардани бардорузани (зарбу лати) мошин, дастгоҳ, таҷҳизот ва ғ.

**АМОРТИЗА́ТСИЯ (АМОРТИЗА́ЦИЯ)**, [лот. amortisatio]. **1**. Истеҳлок; тадриҷан кам шудани қимати фондҳои асосӣ (асбобу анҷом, таҷҳизот, бино ва ғ.) аз сабаби кӯҳнашавии табиии онҳо. **2**. Аз эътибор соқит дониста шудани қарзнома аз сабаби гум ё дуздонда шудани он. **3**. Суст кардани бардорузани (зарбу лати) мошин, ҳавопаймо, дастгоҳ, таҷҳизот ва ғ. бо ёрии асбоби махсус (*амортизатор*). **4**. Бекор (мансух) шудани ягон ҳуҷҷат. **5**. Адо кардани қарз.

**АМОРФӢ**, [< юн. amorphos бешакл]. **1**. Бешакл; шаклан вайрон. **2**. *хим., физ.* Дорои сохти ғайрикристаллӣ; сохти кристаллӣ надошта. Ҷ и с м и А . – ҷисме, ки дар он атомҳо, молекулаҳо ва заррачаҳои дигар бар хилофи кристалл бетартибона ҷойгир шудаанд. **3**. *збш.* З а б о н и А .– забоне, ки дар он морфемаҳо чун калимаҳои мустақил истифода бурда мешаванд; забоне, ки калимаҳои он сиға ва тасриф надоранд (мас., забони хитоӣ).

**АМПА́ЙР**, [англ. umpire]. Довар дар баъзе намудҳои варзиш, мас., дар бейсбол, пойгаи завраққҳои бодбондор ва ғ.

**АМПЕ́Л**, [< юн. ampelos ангур]. Дар асотири Юнони Қадим – ошиқи Дионис; Худо ба ӯ як сар ангур тӯҳфа намуда, онро ба шохи баланди дарахт овехт; ҷавон онро гирифтанӣ шуд, аммо аз дарахт афтида, ҷон дод ва ба бурҷи осмонӣ табдил ёфт.

**АМПЕЛОГРА́ФИЯ**, [< юн. ampelos ангур + … *графия*]. Ангуршиносӣ; илм дар бораи навъҳо ва хосиятҳои ангур.

**АМПЕЛО́ПСИС**, [< юн. ampelos ангур]. Ҷинси ангури дарахтшакли ёбоӣ (тақр. 20 намуд), ки асосан дар Амрикои Шимолӣ ва Осиё мерӯяд; баъзе намудҳои онро чун дарахти ороишӣ парвариш мекунанд.

**АМПЕЛОТЕРАПИ́Я**, [< юн. ampelos ангур + … *терапия*]. *тиб.* Ангурдармонӣ; бо ангур ё ширам он табобат намудани *анемия* (камхунӣ), бемориҳои ҷигар, гурда, талха ва ғ.

**АМПЕЛӢ**, [< ол. Ampel]. Р а с т а н и ҳ о и А . – растаниҳои ороишие, ки дар тубакҳои овезон парвариш карда мешаванд.

**АМПЕ́Л (АМПЕ́ЛЬ),** [ол. Ampel]. Гулдони овезон; тубаки овезони гул.

**АМПЕ́Р**, [фр. ampere – аз номи физики франсавӣ А. Ампер (1775-1836)]. *физ.* **1**. Воҳиди асосии қувваи ҷараёни электр дар Системаи байналхалқии воҳидҳо (СИ); бо А ишора мешавад. **2**. Дар СИ – воҳиди қувваи магнитҳаракатдиҳанда.

**АМПЕРВОЛТОММЕ́ТР (АМПЕРВОЛЬТОММЕ́ТР)**, [< *ампер* + *волт* + *ом* + … *метр*]. *физ.* Асбоб барои чен кардани қувваи ҷараён, шиддат ва муқовимати электр. Авометр низ гӯянд.

**АМПЕРМЕ́ТР**, [*ампер* +… *метр*]. *физ.* Амперсанҷ; асбоб барои чен кардани қувваи ҷараёни доимӣ ва тағйирёбандаи электр.

**АМПИ́Р**, [фр. empire]. *санъ*. Сабку услуби меъморӣ ва наққошӣ, ки дар аввали асри 19 дар Фаронса ба вуҷуд омадааст; ба меъморию наққошии аҳди атиқа пайравӣ мекунад.

**АМПЛИДИ́Н**, [< лот. amplificare зиёд кардан + dyn қувва]. Мошини электрикӣ (одатан *генератори* ҷараёни доимӣ) барои зиёд кардани ҷараёни сусти электр.

**АМПЛИТУ́ДА**, [< лот. amplitudo бузургӣ]. **1**. Вусъати лаппиш; аз ҳолати мувозинат бештар дур шудани ҷисми лаппанда (мас., раққосаки соат). **2**. Ҳосили тарҳи баландиҳои барометр ё ҳароратсанҷ.

**АМПЛИФИКА́ТСИЯ (АМПЛИФИКА́ЦИЯ)**, [фр. amplification]. **1**. *адш*. Тансиқи сифот, сифатчинӣ; «ҳамел» карда овардани якчанд калима ё ибораи ҳаммаъно ё аз ҷиҳати маъно ба якдигар наздик бо мақсади муассиртар гардондани сухан; мас,. "Ширинлабе, шакардаҳане, сарвқомате" (Ҳофиз). **2**. *збш*. Зиёд шудани ҳаҷми матн баъди тарҷума аз як забон ба забони дигар.

**АМПЛУА́**, [фр. emploi]. **1**. Нақшҳои муайяне, ки актёр мувофиқи истеъдод, қобилият ва сифатҳои шахсиаш (синну сол, олами ботинӣ, намуди зоҳирӣ) бештар бозӣ мекунад. **2**. *маҷ*. Нақши одатии ҳаётӣ; шуғли дилписанд; ихтисос.

**А́МПУЛА**, [< лот. ampulla]. **1**. Шишачаи даҳонаш маҳкам (яклухт, герметикӣ) барои нигоҳ доштани дору. **2**. Дар римиёни қадим – кӯза, зарфи сафолӣ ё шишагии даҳонтанг барои нигоҳ доштани моеот. **3**. *анат*. Қисми васеъшудаи узвҳои ковок; қисми дамидаи узвҳои найчашакл, мас., рӯдаҳо, рагҳо.

**АМПУТА́ТСИЯ (АМПУТА́ЦИЯ)**, [< лот. amputatio буридан]. *тиб*. Бо роҳи ҷарроҳӣ бурида партофтани ягон узви бадан. || Мқс. резексия, энуклеатсия, экстратсия.

**АМРИ́ТА**, [*санс*. ҷовидонӣ]. Дар дини ҳиндуия – «оби ҳаёт», иксири бефаноӣ, ки онро худоҳо дар оғози офариниши олам аз укёнус гирифтаанд. || Мқс. амброзия.

**АМТ**, [дан. amt]. Воҳиди маъмурӣ-ҳудудӣ (вилоят) дар Дания.

**АМУЛЕ́Т**, [< лот. amuletum]. Тилисм; тамима; бозубанд; тӯмор; чизе, ки одатан одамони хурофотпараст барои нигоҳ доштани худ аз чашми бад, бемориҳо, нохушиҳо, фалокатҳо дар баданашон гирифта мегарданд.

**АМУНИ́ТСИЯ (АМУНИ́ЦИЯ)**, [пол. amunicja]. **1**. *ҳарб*. Лавозимоти аскарон (ғайр аз либос ва яроқ), аз қабили тасма, борхалта, тирдон, обдон ва ғ. **2**. Афзори асп (зину лаҷом ва ғ.). **3**. Асбобу лавозимоти варзишӣ ё сайёҳӣ.

**АМУ́Р**, [лот. Amor Ишқ]. **1**. Дар асотири римиёни қадим – олиҳаи ишқу муҳаббат, ки дар шакли кӯдаки қанотдор ва тиру камон дар даст тасвир мешавад; номи дигараш – Купидон; дар асотири юнониёни қадим – Эрот (Эрос). **2**. *астр*. Номи яке аз сайёраҳои хурд. || Мқс. Ганимед, Гермес, Икар, Эрос.

**АМУ́РҲО**, *зоол*. Номи ду намуди моҳӣ: а.-и сафед ва а.-и сиёҳ. А м у р и  с а ф е д – моҳии калони обҳои ширин; вазнаш то 30 кг, дарозиаш то 122 см мерасад. А м у р и с и ё ҳ – рангаш тира, пушташ сиёҳтоб, шикамаш сафедтар; пулакчаҳои калон дорад.

**АМФИ..., АМФО...**, [юн. amphi дар атрофи, дар назди, аз ҳарду тараф, ampho ду, ҳарду]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки маъноҳои зеринро ифода мекунанд: 1) «аз ҳар тараф, давродавр», мас., *амфитеатр*; 2) «духела, дорои ду хусусият, дубаҳра», мас., *амфибия*. || Мкс. амби… (амбо…).

**АМФИБИО́НТҲО**, [< *амфи…* + юн. bion (biontos) зиндагикунанда]. *биол.* Организмҳое, ки дар ду муҳит (ҳам дар об ва ҳам дар хушкӣ) зиндагӣ карда метавонанд (мас., *амфибияҳо*). || Мкс. аэробионтҳо, гидробионтҳо.

**АМФИ́БИЯ**, [юн. amphibios дубаҳра]. **1**. *биол.* Обхокиҳо; ҳайвоноте, ки ҳам дар об ва ҳам дар хушкӣ зиндагӣ мекунанд (дар давраи аввали ҳаёташон бо ғалсама ва баъдтар бо шуш нафас мегиранд). **2**. *биол.* Растаниҳое, ки ҳам дар об ва ҳам дар хушкӣ мерӯянд. **3**. Автомобил, танк ё ҳавопаймое, ки ҳам дар об ва ҳам дар хушкӣ гашта метавонад.

**АМФИБОЛАСБЕ́СТ**, [*амфиболитҳо* + *асбест*]. Минерал, яке аз намудҳои сангпахта (асбест).

**АМФИБОЛИ́ТҲО**, [< юн. amphibolos]. *геол.* Номи умумии ҷинсҳои гуногуни кӯҳие, ки асосан аз *амфиболҳо*, инчунин аз *плагиоклазҳо* ва беҷодаҳо таркиб ёфтаанд.

**АМФИБОЛИ́Я**, [< юн. amphibolia духӯра, дорои ду маъно]. *збш.* Ҷумлае, ки онро ба маъноҳои гуногун, баъзан ба маъноҳои бо якдигар зид тафсир кардан мумкин аст, мас., ҷумлаи "ин китоб баҳо надорад".

**АМФИБО́ЛҲО**, [< юн. amphibolos]. *геол.* Гурӯҳи минералҳо – силикатҳои мураккаби магний, калсий, оҳан, алюминий, натрий, ки дар шакли кристаллҳои хордор ё нахдори хокистарранг, сиёҳ, сабз вомехӯранд; тақрибан то 10% массаи қишри заминро ташкил медиҳанд.

**АМФИБРА́ХИЙ**, [ юн. amphibbrachys]. *адш.* Вазни рукнаш сеҳиҷоӣ, ки зада ба ҳиҷои дуюм меафтад.

**АМФИДИПЛО́ИД**, [< *амфи…* + юн. diploos духӯра, дугуна + eidos намуд]. *биол.* Чизе, ки аз дурага кардани намуду ҷинсҳои гуногун пайдо мешавад.

**АМФИКА́РПИЯ**, [< *амфи…* + юн. karpos мева, ҳосил]. *биол.* Дар растанӣ пайдо шудани меваи (ҳосили) зеризаминӣ ва рӯизаминӣ.

**АМФИПО́ДҲО**, [< *амфи…* + юн. podos пойҳо]. *зоол.* Паҳлӯшиноҳо; оилаи харчангшаклҳое, ки бештар дар баҳрҳо зиндагӣ мекунанд.

**АМФИСБЕ́НҲО**, [< *амфи…* + юн. baino роҳ мегардам]. *зоол.* Яке аз намудҳои сусмор (калтакалос), ки асосан дар минтақаҳои гарм зиндагӣ мекунанд; аксарияташон дасту пой надоранд; дар сӯрохиҳои замин метавонанд бо думи худ пешу қафо ҳаракат кунанд.

**АМФИТЕА́ТР**, [< *амфи…* + юн. theatron театр]. **1**. Нишастгоҳи зина-зина дар ақиби *партери* театр. **2**. Дар Юнон ва Рими Қадим – тамошогоҳи болокушодае, ки дар он

нишастгоҳҳои тамошобинон гирдогирди саҳна ё дар шакли нимдавра ҷой гирифтаанд.

**АМФИТРИ́ТА**, [юн. Amphitrita]. Дар асотири юнониёни қадим – олиҳаи баҳрҳо, зани Посейдон.

**АМФОДОНТО́З**, [< *амфо…* + юн. odus дандон]. *тиб.* Бемории бофтаҳои атрофи дандон; *пародонтоз* низ гӯянд.

**А́МФОРА**, [лот. amphora]. **1**. Дар Юнон ва Рими қадим – кӯзаи гарданборики дудастаи сафолӣ барои май, равған ва ғ. **2**. Ченаки қадимии ҳаҷм, ки ба 26,26 л баробар аст.

**АНАБАЗИ́Н-СУЛФА́Т**, [< *анабазис*]. Моеи заҳрноке, ки аз гиёҳи *анабазис* ҳосил мекунанд; барои нест кардани ҳашароти зараррасон ба растаниҳо истифода мешавад.

**АНАБА́ЗИС**, [юн. anabasis]. Хорбуттаи бебарг – растании заҳрноки нимбуттагӣ, ки асосан дар Осиёи Марказӣ ва Поволжияи Поён мерӯяд; барои ҳосил кардани алкалоиди албазин ва доруҳои маҳвкунандаи ҳашароти зараррасон ба кор бурда мешавад.

**АНАБАПТИ́СТҲО**, [< юн. anabaptizo]. Аз нав таъмидшудагон; пайравони мазҳаби динии плебеӣ дар давраи Ислоҳот (асосан дар Олмон), ки тарафдори такроран ғусли таъмид кардани одамони ба балоғат расида буданд; тартиботи мансабдории калисоро инкор намуда, сарватмандиро маҳкум ва умумияти молу мулкро талаб мекарданд.

**АНАБА́С**, [лот. anabas]. *зоол.* Моҳии на чандон калон аз гурӯҳи аломоҳиҳо; дарозиаш то 25 см (10 намуд); ҳангоми хушкшавии кӯлу ҳавзҳо метавонад бо қанотҳои шиновариаш дар хушкӣ ҳаракат кунад ва бо узви махсуси зерғалсамагиаш нафас кашад.

**АНАБА́СИС**, [юн. anabasis]. Номи ду асари таърихӣ дар Юнони Қадим оид ба юришҳои бузург: а) тасвири сафари ҳарбии Куруши хурдӣ, муаллифаш Ксенофонт (430-355 то милод); б) таърихи юриши Искандари Мақдунӣ ба Осиё, муаллифаш Арриан (95-175 то милод).

**АНАБИО́З**, [< юн. anabiosis эҳё шудан, аз нав зинда шудан]. *биол.* Муваққатан суст ё қатъ шудани ҷараёни ҳаёт дар организми баъзе ҳайвоноту нaботот ва аз нав барқарор гардидани он дар шароити мусоид. || Мқс. некробиоз, некроз, паранекроз.

**АНАБОЛИ́ЗМ**, [< юн. anabole авҷ]. *биол.* Яке аз намудҳои мубодилаи моддаҳо (*метаболизм*); маҷмӯи реаксияҳои мубодилаи моддаҳо дар организм, ки ба *ассимилятсия* мувофиқат намуда, моддаҳои мураккаби органикӣ ҳосил мекунонанд (зидди *катаболизм*).

**АНАБО́ЛИКҲО**, [< юн. anabole авҷ]. Доруҳое, ки ба синтези сафеда дар организм мусоидат мекунанд.

**АНАБОЛИ́Я**, [< юн. anabole авҷ]. *биол.* Яке аз намудҳои *филэмбриогенез*; дигаргуншавии эволютсионии узвҳои ҷанинии ҳайвонот.

**АНАГАЛАКТИКӢ**, [< юн. ana… берун, дигар + *галактика*]. Берун аз галактика; ситораҳои А. – ситораҳои берун аз галактикаи мо.

**АНАГЛИ́ФИЯ**, [юн. anaglyphos]. Усули ҳосил кардани тасвирҳои ҳаҷмдор; дар тайёр намудани расмҳои ҳаҷмдор ва истеҳсоли филмҳои стереоскопӣ ба кор бурда мешавад.

**АНАГРА́ММА**, [< юн. ana… дигар, берун + gramma хат, ҳарф]. *збш.* Таҳриф; дигар кардани ҷои ҳарфҳои калима, ки дар натиҷа калимаи нав пайдо мешавад, мас., роғ – ғор; мазмун – манзум; дар муаммоҳо, бозиҳои лафзӣ истифода мешавад.

**АНАДИ́ПЛОСИС**, [юн. anadiplosis]. *адш.* Акс, табдил; ин санъати лафзӣ аз он иборат аст, ки шоир мисраи якумро ба ду ҳисса ҷудо мекунад, баъд дар мисраи дуюм ҷои ин ҳиссаҳоро дигар мекунад ва дар натиҷа мисраи алоҳида ба вуҷуд меояд; мас.,: "Дилбари ҷонони ман бурд дилу ҷони ман / Бурд дилу ҷони ман дилбари ҷонони ман" (Ҳофиз).

**АНАДРОМӢ**, [< юн. ana боло + …*дром*]. Муҳоҷирати анадромӣ – муҳоҷирати моҳиҳо, асосан моҳиҳои Нимкураи Шимолӣ, аз баҳрҳо ба дарёҳо барои тухмпартоӣ; баръакси *катадромӣ*.

**АНАКА́РДИУМ**, [лот. anacardium]. Ниг. *кешю*.

**АНАКОЛУ́Ф**, [< юн. anakoluthos номуттасил]. *адш. збш.* Титол; ибора ё ҷумлае, ки бар хилофи қоидаҳои сарфу наҳв ва мантиқ қасдан ғалат, ночаспон ва ғайритабиӣ сохта шудааст; бештар дар хаҷв, мазҳака истифода мешавад.

**АНАКО́НДА**, [исп. anaconda]. *зоол.* Калонтарин мори безаҳр аз оилаи морҳои печон, дарозиаш то 11,4 м (4 намуд); дар соҳили дарёҳо, кӯлҳо ва ботлоққои тропикии Амрикои Ҷанубӣ вомехӯрад; дар об нағз шино мекунад; хӯрокаш – ҳайвоноти гуногуни мӯҳрадор; ба чорвои хонагӣ низ ҳамла мекунад; барои одам хавфнок нест.

**АНАЛГЕЗИ́Я**, [юн. analgesia беҳиссӣ; бедардӣ]. *тиб.* **1**. Бедардгардонӣ; беҳисгардонӣ. || Мкс. анестезия, наркоз. **2**. Вуҷуд надоштани ҳисси дард; ҳис накардани дард ҳангоми баъзе бемориҳо, баъзан модарзодист.

**АНАЛГЕ́ТИКҲО**, [< юн. – ниг. *аналгия*]. Доруҳои бедардкунанда (таскиндиҳандаи дард); асосан ду навъ мешаванд: наркотикӣ (морфин, промедол ва ғ.) ва ғайринаркотикӣ (аналгин, амидопирин ва ғ.).

**АНАЛГИ́Я**, [юн. analgesia беҳиссӣ; бедардӣ]. *тиб.* Ниг. *аналгезия* .

**АНАЛЕ́КТҲО**, [юн. analekta мунтахаб, баргузида]. *адш.* Асарҳои мунтахаби як ё якчанд муаллиф; мунтахабот, гулчин, баёз.

**АНАЛЕ́ПТИКҲО**, [лот. analepticus]. *тиб.* Доруҳое, ки марказҳои нафаскашӣ ва рагҳаракатдиҳандаи мағзи дарозрӯяро фаъол мегардонанд (кордиамин, коразол ва ғ.).

**АНА́ЛИЗ**, [< юн. analysis таҳлил, таҷзия, тақсим, тадқиқ]. **1**. Усули тадқиқоти илмӣ бо роҳи таҷзияи предмет ё фикран ба қисмҳо ҷудо кардани объект бо роҳи *абстраксияи* мантиқӣ; муайян кардани таркиб ва хусусиятҳои ягон модда, тадқиқ кардани он; А. дар баробари синтез дар маърифати илмӣ аҳамияти бузург дорад. **2**. А.-и химиявӣ – маҷмӯи корҳои тадқиқотӣ, ки аз кадом моддаҳо таркиб ёфтани объекти тадқиқшаванда (А.-и сифатӣ) ё миқдори ин ё он моддаи ба он дохилшударо (А.-и миқдорӣ) муқаррар мекунад. **3**. А.-и спектрӣ – муайян кардани таркиби модда бо роҳи омӯхтани спектри он. **4**. А.-и математикӣ – ба маънои васеаш – муайян кардани усулҳои ҳисоб ва кор фармудани онҳо дар ҳалли ҳар гуна масъалаҳои бузургиҳо; ба маънои маҳдудаш – як қисми математика, ки ба ҳисоб кардани бузургиҳои беинтиҳо хурд (ҳисобҳои дифференсиалӣ ва интегралӣ) машғул мешавад. **5**. *инф*. Марҳалаи аввали тарҷумаи компютерӣ, ки аз муайян кардани иттилооти грамматикӣ ва луғавии матни тарҷумашаванда иборат аст. **6**. Шинохтани (дарк намудани) овозҳои нутқ аз ҷониби инсон ё компютер, ки дар рафти он силсилаи пайдарҳами сигналҳои овозӣ ба силсилаи пайдарҳами воҳидҳои забонӣ табдил меёбад.

**АНАЛИЗА́ТОР**, [< *анализ*]. **1**. *физ*. Асбоби оптикӣ барои ошкор ва тадқиқ намудани қутби рӯшноӣ. **2**. Асбоби тадқиқкунандаи мароми спектри дараҷаи басомадҳо; дар техникаи баландбасомад ба кор бурда мешавад. **3**. *физиол*. Асбоби таҳлилкунандаи дараҷаҳои шиддати *электроэнсефалограммаҳо*. **4**. *физиол*. Анализаторҳо – узвҳои ҳиси одам ва ҳайвонот, ки ангезишҳои муҳити дохилию беруниро таҳлил (*анализ*) мекунанд (босира, сомеа, шомма, зоиқа, ломиса ва ғ.).

**АНАЛИТИ́ЗМ**, [< *анализ*]. *збш*. Хусусияти типологии сохти забон, ки аз ифодаи алоҳидаи маъноҳои луғавӣ ва грамматикӣ иборат аст.

**АНАЛИ́ТИКА**, [юн. analytika]. *фалс*. Дар мантиқи Арасту – таълимот дар бораи *силлогизм* ва исбот.

**АНАЛИ́ТИК**, [< *анализ*]. Таҳлилгар; мутахассиси соҳаи *анализ* (маънои 1).

**АНАЛИТИКӢ**, [юн. analytika]. Мансуб ба *анализ* (таҳлил). Геометрияи А.– соҳаи математика, ки хосиятҳои фигураҳои геометриро ба воситаи алгебра меомӯзад. Химияи А. – соҳаи химия, ки таркиби сифатӣ ва миқдории моддаҳоро меомӯзад. Забонҳои А. – забонҳое, ки дар онҳо робитаи грамматикии калимаҳо на бо тағйири шакли калимаҳо, балки бо тартиби калимаҳо дар ҷумла, кор фармудани калимаҳои ёридиҳанда ва ғ. ифода меёбад (мас., забонҳои англисӣ, испанӣ, тоҷикӣ). Фалсафаи А. – равияе дар фалсафаи муосир; пайравони он чунин мешуморанд, ки вазифаи асосии фалсафа таҳлили (*анализи*) забон, аниқтараш воситаҳои забонии маърифат ба шумор меравад, зеро он барои фаҳмидани моҳияти проблемаҳои фалсафӣ ёрӣ мерасонад; яке аз шаклҳои *неопозитивизм*. Баҳисобгирии А. – сабти муҳосибии ҳаракати (ҷойивазкунии) дороиҳои хоҷагӣ.

**АНАЛӢ**, [фр. anal < лот. anus]. *анат*. Мақъадӣ; мансуб ба сӯрохии ақиб (мақъад).

**АНА́ЛОГ**, [< юн. analogos мувофиқат, мутобиқат, монандӣ]. Мутобиқат, монандӣ ё шабоҳат ба ягон чиз, ҳодиса ё мафҳуми дигаре, ки барои *аналогия* асос мешавад.

**АНАЛО́ГИЯ**, [юн. analogia]. **1**. Монандӣ, мувофиқати байни ашё, мафҳумҳо ё ҳодисаҳо. **2**. Тарзи фикрроние, ки дар асоси айнияти ду предмет, мафҳум ё ҳодиса аз рӯи ягон хусусият дар бораи хусусиятҳои дигари он хулоса бароварда мешавад; чунин фикрронихо манбаи фарзияҳои илмӣ ба ҳисоб меравaнд. **3**. *биол*. Монандии узвҳои организмҳои гурӯҳҳои гуногуни семантикӣ, ки аз ҳар хел ҷанинҳо пайдо шудаанд, сохти дохилиашон якхела нест, вале кори якхеларо ба ҷо меоранд (мас., боли парранда ва шапалак). **4**. *мат., мантиқ*. Ниг. *модел*, инчунин *изморфизм*.

**АНАЛО́Й**, [< юн. analogeion]. Мизчаи баланд дар калисо, ки ҳангоми ибодат дар рӯи он китоб, салиб ё иконаҳо гузошта мешаванд.

**АНА́МНЕЗ**, [< юн. anamnesis ба хотир овардан]. *тиб*. Маълумот дар бораи ҷараёни инкишофи беморӣ, шароити зиндагӣ, бемориҳои пештар рӯйдода, ки аз худи бемор ё шахсони наздики ӯ бо мақсади ташхис ва табобат гирифта мешавад.

**АНАМОРФО́З**, **АНАМОРФО́ЗА** [< юн. anamorphose вайрон кардани шакл]. Тасвири вайрони ягон объект, ки бо ёрии системаҳои оптикӣ ё тағйир додани сатҳи объект ё экран ҳосил карда мешавад; дар *кинотехника* ба кор меравад.

**АНАНА́С**, [исп. ananas]. Як навъ растании тропикӣ, ки меваи калони хушбӯй ва серширa дорад (такр. 5 намуд).

**АНА́ПЕСТ**, [< юн. anapaistos]. *адш*. Вазни рукнаш сеҳиҷоӣ, ки задааш дар ҳиҷои сеюм меояд.

**АНАПЛАЗМО́З**, [< юн. anaplasma дигаргунӣ]. *байт*. Бемории ҳайвоноти хонагӣ ва ваҳшӣ, ки аз газидани канаҳо пайдо мешавад; ҳайвоноти ба ин беморӣ мубталошуда камхун ва лоғар мешаванд.

**АНАРХИ́ЗМ**, [< юн. anarchia бесардорӣ, беҳокимиятӣ]. **1**. Равияи ҷамъиятӣ- сиёсие, ки муборизаи муташаккилонаи синфӣ ва ҳама гуна ҳокимияти давлатиро инкор намуда, ташкили федератсияи иттиҳодияҳои мухтори истеҳсолкунандагонро талаб мекунад. **2**. *маҷ*. Худсарӣ, бенизомӣ; эътироф накардани тартибу интизом ва обрӯю эътибор.

**АНАРХИ́СТ,** [< *анархия*]. Пайрави *анархизм*, узви ташкилоти анархистӣ.

**АНА́РХИЯ**, [< юн. anarchia]. **1**. Бесардорӣ, беҳокимиятӣ, итоат накардан ба ҳокимият, ҳукмронии *анархизм*. **2**. *маҷ*. Худсарӣ, бенизомӣ, харҷу марҷ, бесомонӣ, бетартибӣ, номуташаккилӣ.

**АНАСТИГМА́Т**, [< *ан…* + *астигамат(изм)*]. Объективи суратгирӣ ё наворбардорие, ки *астигматизм* ва дигар *аберратсияҳоро* ислоҳ ё бартараф намуда, ашё ё манзарaро равшану возеҳ инъикос мекунад.

**АНАСТОМО́З**, [< юн. anastomosis сӯрохӣ, баромадгоҳ]. **1**. *анат*. Пайвандгоҳи (ҷои пайвастшавии) узвҳои найчашакл, рагҳои хун ва лимфа, торҳои асаб ва мушакҳо. **2**. *бот*. Пайвандгоҳи торҳои найчашакл дар баргҳо ё дар базе қисмҳои танаи растанӣ.

**АНА́Т**, [сомӣ]. Дар асотири сомиҳои ғарбӣ олиҳаи шикор ва ҷангал.

**АНАТА́З**, [англ. anatase]. *маъд.* Минерале, ки аз намудҳои полиморфии оксиди титан ва омехтаҳои оҳан, ниобий, руҳ таркиб ёфтааст; дар шакли кристаллҳои сабзу зард ва сиёҳчатоб дучор мешавад.

**АНАТЕ́КСИС**, [юн. қад. anateksis гудозиш]. Гудохтани ҷинсҳои кӯҳӣ ва ба тафта (*магма*) табдил додани онҳо.

**АНАТОКСИ́Н**, [< юн. ana… монанд + toxikon захр]. Токсине, ки хосиятҳои захрнокиаш бартараф карда шудааст, вале ҳангоми ба бадан гузарондан метавонад масуниятро баланд бардошта, гулӯзиндонак, кузоз ва дигар бемориҳои гузарандаро пешгирӣ кунад.

**АНАТО́ЛИЯ**, [< тур. anadolu]. *таър.* **1**. Номи қадимаи Осиёи Хурд. **2.** Дар империяи Усмонӣ номи музофоте дар қисми ғарбии Осиёи Хурд. **3**. Аз солҳои 20-уми асри XX – номи қисми осиёии Туркия.

**АНА́ТОМ**, [< *анатомия*]. **1**. Олим ё мутахассиси соҳаи *анатомия*. **2**. Омӯзгори фани *анатомия*.

**АНАТОМӢ**, [< *анатомия*]. Мансуб ба анатомия.

**АНАТО́МИЯ**, [< юн. anatome ташреҳ, чок кардан]. **1**. Илми ташреҳ; илм дар бораи шакл ва сохти узвҳои алоҳида ё тамоми организм (анатомияи одам (*антропотомия*), анатомияи ҳайвонот (*зоотомия*), анатомияи наботот (*фитотомия*). **2**. *маҷ.* Сохти ягон чиз, мас., анатомияи ҷомеа, анатомияи дурӯғ.

**АНАТОСИ́ЗМ (АНАТОЦИ́ЗМ)**, [< юн. anatokistos]. Фоизи фоизпулӣ; гирифтани фоизпулӣ на танҳо аз маблағи қарз, балки аз фоизи афзояндаи он низ.

**АНАФА́ЗА**, [< юн. ana… зидди… + *фаза*]. *биол.* Давраи сеюми тақсими номустақими ҳуҷайра – *митоз*, ки дар аснои он ҷудо шудани *хромосомаҳо* ба сӯи қутбҳои мутақобили ҳуҷайра мушоҳида мешавад.

**АНА́ФЕМА**, [< юн. anathema]. Ҷазои олӣ дар дини насронӣ; такфир; лаънату нафрин кардан; аз калисо рондан.

**АНАФИЛАКСИ́Я**, [< юн. ana… боз, аз нав… + aphylaxis муҳофизат]. *биол.*, *тиб.* Ҳассосияти баланди организми инсон ё ҳайвоноти ширхӯр ба такроран ворид намудани сафедаҳои бегона, хунобаҳо, зардобҳо (*антигенҳо*).

**АНА́ФОРА**, [< юн. anaphora]. *адш.* Такрир; ҳусни такрор; такрори айни як калима ё таркиб дар аввали якчанд байт, мисраъ ё ҷумла. Мисол аз Ҳилолӣ: Адаб ороиши афъол бошад / Адаб осоиши аҳвол бошад.

**АНАФРО́НТ**, [< юн. ana… боло + фронт]. *Фронти* атмосферӣ, ки дар он ҳавои гарм ба боло ҳаракат мекунад. ‖ Мқс. катафронт.

**АНАХОРЕ́Т**, [< юн. anachoretes]. Зоҳид; одами гӯшанишин (одамгурез, хилватнишин).

**АНАХРОНИ́ЗМ**, [< юн. anachronismos]. **1**. Ғалат кардани солшуморӣ. **2**. Саҳван ё қасдан нисбат додани воқеаи як давра ба давраи дигар; нодуруст тасвир кардани

тафсилоту ҷузъиёт ва ҳодисаҳои хоси ягон замон. **3**. Урфу одатҳои замони кӯҳна, ки ба замони ҳозира мувофиқ намеоянд.

**АНАЭРОБИО́З**, [< юн. an... бе + aer ҳаво + bios ҳаёт]. *биол.* Ҳаёти беҳаво (бе оксигени озод); *аноксибиоз* низ гӯянд.

**АНАЭРОБИО́НТҲО**, [< юн. an... бе + aer ҳаво + bion зиндагикунанда]. *биол.* Ниг. *анаэробҳо.*

**АНАЭРО́БҲО**, [< юн. an... бе + aer ҳаво]. *биол.* Организмҳое (бактерияҳо, баъзе кирмҳо ва моллюскҳое), ки бе ҳаво (бе оксигени озод) зиндагӣ карда метавонанд; *анаэробионтҳо, аноксибионтҳо* низ гӯянд; баръакси *аэробҳо.*

**АНГАЖЕМЕ́НТ**, [фр. engagement]. Ба муҳлати муайян киро кардан ё даъват намудани артист ё дастаи эҷодӣ барои иштирок дар спектакл ё консерт.

**АНГА́Р**, [фр. hangar]. Бинои махсус барои нигоҳдорӣ ва таъмири ҳавопаймоҳо ва чархболҳо.

**АНГА́РИЯ**, [юн. angareia]. **1**. Дар Форси қадим – қосиди савора. **2.** Дар Ошуру Бобули қадим маҷбурияте буд, ки одамон мувофиқи он ба подшоҳон ва мансабдорони давлатӣ ҳангоми мусофирати онҳо, инчунин дар боркашонӣ, сохтани роҳҳо, қалъаҳо ва ғ. хизмат мекарданд. **3**. Киштиҳои тиҷоратии мамлакатҳои бетарафро забт карда гирифтани мамлакати ҷангкунанда ва дар ҷанг истифода бурдани онҳо.

**АНГЕЛЮ́С, АНГЕЛУ́С**, [< лот. Angelus Domini Малаки Худо]. **1**. Дар дини католикӣ – намози бомдод, пешин ва шом. **2**. Оҳанги махсуси зангӯла, ки ба чунин намоз даъват мекунад.

**АНГИДРИ́ДҲО**, [< юн. an... бе + hydor об]. *хим.* Пайвасти химиявӣ, ҳосилаи кислотаҳои органикӣ ва ғайриорганикӣ, ки аз дегидрататсия (ҷудо карда гирифтани об) ҳосил мешавад, мас., $SO_3$ – ангидриди кислотаи сулфат $H_2SO_4$ мебошад.

**АНГИДРИ́Т**, [< юн. an... бе + hydor об]. *маъд.* **1**. Минерал – сулфати беоби калсий, ки рангаш сафед ва баъзан сурхчатоб ё кабудчатоб мешавад; дар об ҳал шуда ба гулгаҷ табдил меёбад; дар сохтмон ба кор меравад. **2**. Ҷинси таҳшиншудае, ки асосан аз ҳамин минерал иборат аст; барои ҳосил намудани кислотаи сулфат ҳамчун ашёи хом истифода мешавад.

**АНГИ́НА**, [лот. angina < angere буғӣ кардан]. *тиб.* Гулӯдард, дарди гулӯ; бемории шадиди сироятӣ, ки дар натиҷаи варам кардани бодомакҳои ҳалқ пайдо мешавад; барангезандагони А. стафилококкҳо ва стрептококкҳо мебошанд. || Мқс. ларингит, тонзиллит.

**АНГИО**..., [< юн. angeion раг]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки ба рагҳо ва системаи рагҳо робита доштанро мефаҳмонад, мас., *ангиография, ангиология, ангионевроз.*

**АНГИОГРА́ФИЯ**, [*ангио… + …графия*]. *тиб.* Усули тадқиқи рентгении рагҳои хун баъди ба онҳо ворид намудани моддаҳое, ки аз онҳо нурҳои рентгенӣ намегузаранд (моддаҳои контрастӣ).

**АНГИОЛО́ГИЯ**, [*ангио… + …логия*]. *тиб.* Соҳаи анатомия ва тиб, ки рагҳои хун ва лимфа, инчунин бемориҳои онҳоро меомӯзад.

**АНГИО́МА**, [*ангио… + …ома*]. *тиб.* Омоси некфарҷом (безарар), ки аз рагҳои хун (*гемангиома*) ва рагҳои лимфа (*лимфагиома*) иборат аст. || Мқс. аденома, атерома, бластома, миелома.

**АНГИОНЕВРО́З**, [*ангио… + …невроз*]. *тиб.* Бемории системаи марказии асаб, ки бештар дар натиҷаи вайроншавии фаъолияти асабҳои рагҳаракатдиҳанда пайдо мешавад; бо ногаҳон сурх ё сафед шудани пӯст, варами пӯст ва ҳиссиёти ногувор дар минтақаи дил зоҳир мегардад.

**АНГИОСПА́ЗМ**, [*ангио… + …спазм*]. *тиб.* Ихтилоҷи шараёнҳои (шоҳрагҳои) хурд, ки дар натиҷаи он узвҳо ва бофтаҳо бо хун суст таъмин мешаванд.

**АНГИОСТОМИ́Я**, [*ангио…* + юн. stoma сӯрохӣ]. *физиол.* Усули ба рагҳои хуни ҳайвонот пайваст намудани найчаи махсус (*фистула*), ки бо ёрии он якчанд маротиба хун гирифтан мумкин аст.

**АНГИОСТОМИ́ДҲО**, [*ангио…* + юн. stoma сӯрохӣ + eidos намуд]. Кирмчаҳои ангали давврашакле, ки дар рӯдаи инсон ва ҳайвон зиндагӣ мекунанд.

**АНГЛЕЗИ́Т**, [< англ. Anglesey]. *маъд.* Зоки (сулфиди) сурб, ки дар шакли кристаллҳо ё доначаҳои беранг ё сафед дучор мешавад; аз А. сурб истеҳсол мекунанд.

**АНГЛИСИ́ЗМ (АНГЛИЦИ́ЗМ)**, [фр. anglicisme]. *збш.* Калима ё иборае, ки аз забони англисӣ гирифта шудааст, мас., *бизнес, маркет.*

**А́НГЛҲО**, [лот. Anglii]. *таър.* Қабилаҳои олмоние, ки дар ҷануби нимҷазираи Ютландия зиндагӣ мекарданд; дар асрҳои V-VI як қисми онҳо дар истилои Британия иштирок карда буданд ва номи Англия аз ҳамин ҷост.

**АНГО́Б**, [фр. engobe]. Рӯйкаш аз гили ранга барои пардоз додани маснуоти сафолӣ.

**АНГОЛА́Р**, [< порт. Angola]. Воҳиди пули Ангола, ки ба 100 сентаво баробар аст (то с. 1977).

**А́НГСТРЕМ**, [шв. Angstrom; аз номи физики шведӣ Андрес Ангстрем (1814-1874)]. *физ.* Воҳиди дарозие, ки ба як ҳиссаи даҳмиллиардии метр баробар аст; дар оптика барои чен кардани мавҷҳои нур ва дар физикаи атомӣ ба кор бурда мешавад.

**АНДАЛУЗИ́Т,** [< исп. Andalucia]. *маъд.* Минерал, силикати алюминий; чун масолеҳи оташбардор ва ба таъсири кислота тобовар истифода мешавад.

**АНДА́НТЕ**, [< ит. andante қадаммонии суст]. *мус.* **1**. Бо суръати суст навохтани асари мусиқӣ; сустнавозӣ (вале назар ба *адажио* тезтар). **2**. Пйесаи мусиқӣ ё як қисми асари мусиқӣ (*соната, симфония, квартет*), ки бо чунин суръат навохта мешавад.

**АНДАНТИ́НО**, [< ит. andantino]. *мус*. **1**. Суръати навохтани мусиқӣ, ки аз *анданте* тезтар аст. **2**. Асари мусиқие, ки бо чунин суръат навохта мешавад.

**АНДЕГРА́УНД**, [< англ. undeground пинҳонкорӣ, ташкилоти пинҳонкор]. Ҷараёне дар санъати муосир, ки меъёрҳои эстетикии ҳукмронро эътироф намекунад ва ба анъанаҳои иҷтимоию бадеӣ муқобил мебарояд.

**АНДЕЗИ́Н**, [англ. andesine]. *маъд*. Алюмосиликати натрий ва калсий аз гурӯҳи *плагиоклазҳо*.

**АНДЕРДО́Г**, [англ. underdog]. **1**. *варз*. Варзишгар ё дастаи варзишие, ки барои ғалаба имконияти камтарин дорад. **2**. *мач*. Шахсе, ки нокомиаш, барор накардани кораш пешакӣ маълум аст.

**АНДЕРРА́ЙТЕР**, [англ. underwriter]. **1**. Шахсе, ки бо андеррайтинг (ниг. *андеррайтинг*) машғул аст. **2**. Шахсе, ки аз тарафи ширкати суғурта барои суғурта кардани ҳамаи намудҳои таваккал ваколатдор шудааст.

**АНДЕРРА́ЙТИНГ**, [англ. underwriting]. *тиҷ*. **1**. Харидани коғазҳои қиматноки нав баровардашуда бо мақсади баъдтар фурӯхтани онҳо. **2**. Суғурта кардани молу мулки манқул ва ғайриманқул, инчунин амалиёти тиҷоратӣ

**АНДРАДИ́Т**, [англ. andradite]. *маъд*. Минерал гурӯҳи беҷодаҳо, силикати оҳан ва калсий; бештар дар шакли кристаллҳои сабз ва сурхи сиёҳтоб вомехӯрад; чун масолеҳи *абразивӣ* (суфтагарӣ) истифода мешавад.

**АНДРОГЕ́НЕЗ**, [< юн. aner (andros) мард + genos насл]. *биол*. Шакли махсуси афзоиш, ки ҳангоми он дар инкишофи тухмҳуҷайра фақат ядрои нарина, ки дар вақти муҷомаат бо нутфа ворид шудааст, иштирок мекунад. Баръакси *гиногенез*.

**АНДРОГЕ́НҲО**, [< юн. aner (andros) мард + genos насл]. *биол*. Гормонҳои ҷинсии наринаи одам ва ҳайвон (*стероидҳо*), ки ба инкишоф ва фаъолияти узвҳои ҷинсии нарина мусоидат мекунанд. || Мқс. эстроген.

**АНДРОГИ́Н**, [< юн. androgynos дуҷинса]. Шахсе, ки дар вай аломатҳои ҳарду ҷинс вуҷуд доранд. || Мқс. бисексуал, гермафродит.

**АНДРОГИ́НИЯ**, [< юн. androgynos дуҷинса]. *биол*. Мавҷуд будани аломатҳои ҷинсии нарина дар ҷинси модина ва баръакс. || Мқс. бисексуализм, вирилизм, гермафродитизм.

**АНДРО́ИД**, [англ. Android номи тамғаи мол]. Системаи амалиётӣ барои телефонҳои мобилӣ, компютерҳои планшетӣ ва смартбукҳо, инчунин телефонҳое, ки дорои ҳамин система мебошанд.

**АНДРОЛО́ГИЯ**, [< юн. aner (andros) мард + logos илм]. *тиб*. Соҳаи тиб (*урология*), ки бемориҳои узвҳои таносул ва пешоби мардҳо, инчунин пешгирӣ ва муолиҷаи ин бемориҳоро меомӯзад.

**АНДРОМЕ́ДА**, [юн. Andromede]. **1**. Дар асотири юнониёни қадим – духтари шоҳи Ҳабашистон, ки падараш ба аждаҳои баҳрӣ, ки мамлакатро хароб карда буд, ба қурбонӣ додааст ва Персей (қаҳрамони афсонавӣ – писари *Зевс*) ӯро наҷот додааст. **2**. *астр*. Галаситораи (бурҷи) Нимкураи шимолии осмон. **3**. *бот*. Як навъ буттаи қадпасти ҳамешасабз аз оилаи халанҷиҳо, ки асосан дар минтақаҳои иқлимашон мӯътадили Нимкураи шимолӣ мерӯяд; баргҳояш *гликозиди* заҳрнок дошта, барои ҳайвонот хавфноканд.

**АНДРОФО́БИЯ**, [< юн. aner (andros) мард + … *фобия*]. Мардбезорӣ, мардтарсӣ, мардбадбинӣ.

**АНЕВРИ́ЗМА, АНЕВРИ́ЗМ**, [< юн. aneurisma]. *тиб*. Васеъшавии (дамидани) девораи рагҳои хун ё девораи дил дар натиҷаи *атеросклероз*, куфт (*сифилис*), *инфаркт*.

**АНЕВРИ́Н**, [< а… + юн. neuron]. Номи пештараи *тиамин* ё витамини $B_1$.

**АНЕКДО́Т**, [< юн. anekdotos чопнашуда]. *адш*. Латифа.

**АНЕМИ́Я**, [< юн. an… бе, кам + haima хун]. *тиб*. Камхунӣ; кам шудани миқдори *эритроситҳо* ва *гемоглобин* дар хун; бо заифшавии бадан, хоболудӣ ва нафастангӣ зоҳир мегардад.

**АНЕМО**…, [< юн. anemos бод, шамол]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки ба бод, шамол робита доштанро ифода мекунад.

**АНЕМО́ГРАФ**, [*анемо*… + … *граф*]. Асбоби худнавис барои сабт ва чен кардани суръати вазиши бод ва самти бод.

**АНЕМО́МЕТР**, [*анемо*… + … *метр*]. Асбоб барои чен кардани суръати бод ё ҳаракати газҳо (баъзан барои муайян кардани самти бод – анеморумбограф).

**АНЕМО́Н, АНЕМО́НА**, [фр., юн. anemone]. *бот*. Гули шақоиқ; лолаи нӯъмон; як навъ гиёҳи бисёрсола аз оилаи чиноракҳо, ки баъзе намудҳои онро ба сифати растании ороишӣ парвариш мекунанд.

**АНЕМОФИЛИ́Я**, [*анемо*… + … *филия*]. *бот*. Қобилияти гардолудшавии гули растаниҳо ба воситаи шамол.

**АНЕМОХОРИ́Я**, [*анемо*… + юн. choreo пеш меравам, паҳн мешавам]. *бот*. Ба воситаи шамол паҳн шудани тухм, мева ва спораҳои растанӣ. || Мқс. автохория, антропохория, гидрохория, зоохория.

**АНЕРГИ́Я**, [юн. anergie]. **1**. Гум шудани қувва (*энергия*); гум шудани қобилият ба амалҳои фаъолона. **2**. Муқобилият нишон дода натавонистани организм ба таъсири омилҳои бемориовар. **3**. Ангезаҳои гуногунро (мас., заҳрҳо, антигенҳоро) ҳис карда натавонистани организм.

**АНЕРО́ИД**, [< юн. a… не, бе, + neros нам + eidos намуд]. Яке аз намудҳои *барометр*, ки тағйирёбии фишори атмосфериро нишон медиҳад.

**АНЕСТЕЗИО́ЛОГ**, [< *анастезиология*]. *тиб.* Мутахассиси *анестезиология*; духтуре, ки *анестезия* мегузаронад (беморро карахт мекунонад), инчунин ба бемори зери *наркоз* қарордошта ёрии зарурӣ мерасонад.

**АНЕСТЕЗИОЛО́ГИЯ**, [< *анастезия* + … *логия*]. *тиб.* Соҳаи тиб, ки бо масъалаҳои карахткунонӣ, бедардгардонӣ ва идора намудани функсияҳои ҳаётан муҳими организм то амалиёти ҷарроҳӣ, инчунин дар вақти амалиёти ҷарроҳӣ ва баъди он машғул аст.

**АНЕСТЕЗИ́Я**, [< юн. anaisthesia карахтӣ, беҳиссӣ]. *тиб.* **1**. Нест ё суст шудани ҳассосият; карахтшавӣ; ҳангоми баъзе бемориҳои системаи асаб пайдо мешавад. **2**. Карахткунонӣ; беҳискунонӣ; ба таври сунъӣ бо ёрии доруҳои карахткунанда (мас., кокаин, новокаин, наркоз) бедард (беҳис) кунондани бадан.

**АНЕСТЕ́ТИКҲО**, [< *анастезия*]. *тиб.* Доруҳои карахткунанда, бедардкунанда, беҳискунанда (аз қабили кокаин, новокаин ва ғ.), ки ҳиссиёти гуногун, дар навбати аввал ҳисси дардро муваққатан фурӯ менишонанд.

**АНИЗОКОРИ́Я**, [< юн. anisos нобаробар + kore гавҳарак]. *тиб.* Нобаробарии андозаи гавҳаракҳои чашм дар натиҷаи баъзе иллатҳои асаб, бемориҳои чашм ва ғ.

**АНИЗОТРОПИ́Я**, [< юн. anisos нобаробар + tropos хосият]. **1**. *физ.* Нобаробарии хосиятҳои табиии ҷисм (мас., ҳароратгузаронӣ, электргузаронӣ, суръати паҳншавии рӯшноӣ ва ғ.) аз рӯи самтҳои гуногуни дохили худи ҳамон ҷисм (баръакси *изотропия*). **2**. *бот.* Ҳолати ҳархела гирифтани узвҳои растанӣ бо таъсири ҳамон як омили муҳити берунӣ (мас., нӯги навдаҳо ба тарафи рӯшноӣ майл мекунанд, баргҳо бошанд, бо нурҳои рӯшноӣ *перпендикуляр* мебошанд).

**АНИЛИ́Н**, [фр. aniline < ар. ан-нил]. *хим.* Равғани моеъи беранги заҳролуд, ки барои тайёр кардани рангҳои анилинӣ, моддаҳои тарканда, доруҳои суратгирӣ ва тиббӣ ба кор бурда мешавад.

**АНИМАЛИ́ЗМ**, [< лот. animal ҳайвон]. Эҳтиром ва ситоиши динии ҳайвонот; *зоолатрия* низ гӯянд.

**АНИМАЛИ́СТ**, [фр. animaliste < лот. animal ҳайвон]. Рассоме, ки дар асарҳояш ҳайвонотро тасвир мекунад.

**АНИМАЛӢ**, [< лот. animal ҳайвон]. *биол.* Ҳайвонӣ; ба ҳайвон хосбуда; мансуб ба ҳайвон. Ф у н к с и я ҳ о и А . – функсияҳое, ки ба ҳайвон хосанд (на ба инсон).

**АНИМАТИ́ЗМ**, [< лот. animatus ҷондор, зинда]. Дар динҳои ибтидоӣ тасаввурот дар бораи ҷондор будани ҳамаи объектҳо ва ҳодисаҳои табиат. || Мқс. анимизм.

**АНИМА́ТО**, [ит. animato бо ҷӯшу хурӯш]. *мус.* Бо шавқ ва ҷӯшу хурӯш навохтани асари мусиқӣ.

**АНИМА́ТОР**, [лот. animator]. **1**. Рассоме, ки барои филмҳои тасвирӣ (*мултипликатсонӣ*) ва бозиҳои компютерӣ расм мекашад. || Мқс. мултипликатор. **2**.

Ташкилкунандаи чорабиниҳои фарҳангӣ, фароғатӣ ва дилхушкунанда дар ҷойҳои истироҳати оммавӣ.

**АНИМА́ТСИЯ (АНИМА́ЦИЯ)**, [англ. animation < лот. animatus ҷондор, зинда]. **1**. Филмбардорӣ бо истифода аз расм ё лухтакҳо; *мултипликатсия* низ гӯянд. **2**. Тасвири объектҳои ҳаракаткунанда дар экрани компютер.

**АНИМЕ́**, [< *аниматсия*]. Филми тасвирӣ, мултипликатсионӣ; филме, ки бо усули *аниматсия* таҳия шудааст.

**АНИМИ́ЗМ**, [< лот. animus, anima ҷон, рӯҳ]. **1**. Тасаввуроти ғайриилмии одамони ҷамъияти ибтидоӣ дар бораи он ки гӯё ҳама чиз: одамон, ҳайвонот, растаниҳо, ашё ва ғ. ҷон (рӯҳ) дорад; ҷондор шумурдани зуҳурот ва ҳодисаҳои табиат. 2. *фалс*. Равияи фалсафие, ки рӯҳро принсипи ҳаёт мешуморад.

**АНИМИКИ́Т**, [англ. animikite]. *маъд*. Як навъ минерал сурмадор.

**АНИО́Н**, [< юн. ana боло]. *физ*. *Иони* зарядаш (қутбаш) манфӣ; ҳангоми электролизи маҳлулҳои иондор А. ба сӯи электроди мусбат – *анод* ҳаракат мекунад. Баръакси *катион*.

**АНИОНИ́ТҲО**, [< *анион*]. *физ*. Ионитҳое, ки *ионҳои* манфӣ заряднокшудаи (*анионҳои*) худро бо ионҳои муҳити атроф иваз карда метавонанд.

**АНИ́С**, [< юн. anison]. *бот*. **1**. Бодиён; тухми бодиён; растание аз оилаи чатргулҳо, ки равғанаш дар тиб, инчунин дар пухтупаз ба кор меравад. **2**. Навъҳои тирамоҳии себ (барои он чунин номида шудаанд, ки аз онҳо бӯи равғани бодиён (*анис*) меояд).

**А́НКЕР**, [ол. Anker]. **1**. Лангари соат, ки гашти мураттаби соатро таъмин мекунад. **2**. Чангаки оҳанин барои ба ҳам пайвастани қисмҳои иншоот, иморат ё мошинҳо.

**АНКЕРО́К**, [< ҳол. anker]. Чалаки чӯбини гунҷоишаш 16-50 л, ки дар завраққо ва киштиҳои давраи қадим барои нигоҳ доштани оби нӯшокӣ, сирко, май ва ғ. истифода мешуд.

**АНКЕ́ТА**, [фр. enquete]. Саволнома; пурсишнома; варақи пурсиш барои гирифтани маълумот дар бораи шахсе, ки онро пур мекунад ё барои гирифтани ҷавобҳо ба саволҳое, ки аз рӯи ягон барномаи муайян тартиб дода шудаанд. П у р с и ш и а н к е т ӣ – пурсиш бо роҳи пур кардани анкета.

**АНКЕТЁ́Р**, [< *анкета*]. Шахсе, ки бо роҳи пурсиши анкетӣ маълумот ҷамъ мекунад.

**АНКИ́Л**, [лот. ancile]. Дар асотири Рими Қадим – сипаре, ки дар давраи подшоҳии Помпилий аз осмон афтида, гарави амният ва шукуфоии давлат гардид.

**АНКИЛО́З**, [юн. ankylosis қатшуда]. *тиб*. Беҳаракатии буғум, ки дар натиҷаи ба ҳам часпидани бофтаҳо ва устухонҳои буғум ба вуҷуд меояд; бо роҳи ҷарроҳӣ табобат карда мешавад.

**АНКИЛОЗА́ВР**, [юн. ankylos қатшуда + ...*завр*]. *пал.* Динозаври калони зиреҳпӯсти растанихӯр, ки дар давраи табошир зиндагӣ мекард; қабурғаҳояш ба тарафи берун қат шуда буданд ва номаш аз ҳамин ҷост.

**АНКИЛОСТОМИ́ДҲО, АНКИЛОСТОМАТИ́ДҲО**, [юн. ankylos кaҷ + stoma даҳон, сӯрохӣ]. Кирмҳои кулӯлае, ки дар рӯдаи борики одам ва баъзе ширхӯрҳо муфтхӯрона зиндагӣ карда, ба бемории *анкилостомоз* бурда мерасонанд.

**АНКИЛОСТОМО́З**, [< *анклостомидҳо*]. *тиб.* Бемории одам ва баъзе ҳайвонҳои ширхӯр, ки аз сабаби дар организм муфтхӯрона зиндагӣ кардани кирмҳои кулӯла – *анкилостомидҳо* пайдо мешавад; анкилостомидоз низ гӯянд.

**АНКЛА́В**, [< лот. inclavo бо калид маҳкам мекунам]. Сарзамин ё қисми сарзамини як давлат, ки аз ҳама тараф бо сарзамини давлати дигар иҳота шудааст; мас., Лесото; агар А. роҳи баҳрӣ дошта бошад, онро ниманклав меноманд, мас., вилояти Калинингради Россия.

**АНКЛ СЭМ**, [англ. uncle Sam]. Сэмтағо; лақаби америкоиён.

**АНКО́Р**, [англ. anchor]. *инф.* Дар *интернет* – матни истинод, ки дар бораи муҳтавои *сайт* маълумот медиҳад.

**АННАЛИ́СТ**, [фр. annaliste]. Солноманавис, таърихнавис.

**АННА́ЛҲО**, [< лот. annales солона, сол ба сол]. Солномаи таърихӣ; тасвири мухтасари сол ба соли воқеаҳои таърихӣ.

**АННЕКСИОНИ́СТ**, [< лот. annectere ишғол кардан]. Давлате, ки сарзамини давлати дигарро истило кардааст; истилогар, ғосиб.

**АННЕ́КСИЯ**, [< лот. annexio ҳамроҳ кардан]. Навъи таҷовуз; бо зӯрӣ қисман ё пурра забт кардани мамлакат дигар.

**АННЕЛИ́ДҲО**, [< лот. annellus ҳалқача + юн. eidos намуд]. *зоол.* Ҳалқачакирмҳо; кирмҳое, ки баданашон аз ҳалқачаҳои сершумори ба якдигар монанд иборат аст; дарозиашон аз 1 мм то 3 м.

**АННИГИЛЯ́ТСИЯ (АННИГИЛЯ́ЦИЯ)**, [< лот. annihilation нестшавӣ]. *физ.* Ба зарраҳои дигар табдил ёфтани зарраҳои элементарӣ ва антизарраҳо ҳангоми бархӯрдан, мас., табдил ёфтани *протон* ва *антипротон* ба якчанд *π-мезон* ё табдил ёфтани *электрон* ва *позитрон* ба *фотонҳо*.

**АННО́НА**, [лот. annona < annus сол]. **1**. Дар асотири римиёни қадим – олиҳаи ҳосил. **2**. Дар Рими Қадим – ҳосили яксола, захираи ғаллаи мардуми шаҳр. **3**. Нархи озуқаворӣ, пеш аз ҳама ғалла. **4**. Дар империяи Рими Қадим – закоте, ки аҳолӣ дар шакли ғалла ва ем ба шаҳрҳо ва лашкар медод.

**АННОТА́ТСИЯ (АННОТА́ЦИЯ)**, [< лот. annotatio эзоҳ, қайд]. Баёни (тавзеҳ, шарҳ, эзоҳи) мухтасари мазмуни китоб, рисола, мақола ва ғ.

**АННУИТА́НТ**, [< *аннуитет*]. Шахсе, ки ҳамчун манбаи даромад ҳар сол *рента* мегирад.

**АННУИТЕ́Т**, [< лот. annuitas пардохти ҳарсола]. **1**. Дар баъзе мамлакатҳо – маблағи муайяни пулие, ки ҳар сол ба шахси қарздода барои адо кардани қарзи аз вай гирифташуда пардохт карда мешавад. **2**. Навъи воми мӯҳлатноки давлатӣ бо пардохти ҳарсолаи қарз ва пардохти фоизҳо.

**АНО́А**, [индонез. anoa]. *зоол*. Говмеши қадпасти ваҳшӣ, ки дар ҷангалҳои ҷаз. Сулавеси (Индонезия) зиндагӣ мекунад; дарозии баданаш то 1,7 м, шохҳояш кӯтоҳи рост.

**АНО́Д**, [< юн. anodos роҳ ба боло]. *физ*. **1**. Қутби мусбати манбаи ҷараёни электр, баръакси *катод*. **2**. *Электроди* асбоб, ки ба қутби мусбати манбаи ҷараёни электр пайваст шудааст, баръакси *катод*.

**АНОКСЕМИ́Я**, [< юн. an... не, бе + лот. oxy... оксиген + haima хун]. *тиб*. Вуҷуд надоштани оксиген дар хун; беҳавоии хун. || Мқс. аноксия, гипоксемия.

**АНОКСИБИО́З**, [< юн. an... не, бе + лот. oxy... оксиген + юн. bios ҳаёт]. *биол*. Ҳаёт бе оксигени озод, ки *анаэробҳо* ба сар мебаранд; *анаэробиоз* низ гӯянд.

**АНОКСИБИО́НТҲО**, [< юн. an... не, бе + лот. oxy... оксиген + юн. bios ҳаёт]. *биол*. Ниг. *анаэробҳо*.

**АНОКСИ́Я**, [< юн. an... не, бе + лот. oxy... оксиген]. Вуҷуд надоштани оксиген дар узвҳо ва бофтаҳои алоҳида ё дар тамоми организм. || Мқс. аноксемия.

**АНОМА́ЛИЯ**, [< юн. anomalia нодурустӣ]. **1**. Дур аз меъёр ва қонуниятҳои умумӣ; инҳироф аз қоидаҳои одатӣ; инҳироф аз ҳодисаҳои табиӣ. **2**. *геоф*. А н о м а л и я и м а г н и т ӣ – аз ҳад зиёд шудани қувваи ҷозибаи Замин дар ягон ҷои қабати берунии он, ки одатан дар натиҷаи хеле афзудани конҳои оҳанрабо ва титану оҳанрабо ба вуҷуд меояд, мас., аномалияи магнитии Курск. **3**. *астр*. А н о м а л и я и ҳ а қ и қ ӣ – кунҷи байни радиус-вектори сайёра ва меҳвари калони мадори он.

**АНОМАЛӢ**, [< *аномалия*]. Ғайриоддӣ, хилофи қоидаҳои умумӣ, нодуруст, аз андоза берун.

**АНОМИ́Я**, [< фр. anomie беқонунӣ]. Ҳолати маънавию рӯҳии одамон, ки дар натиҷаи харобшавии системаи арзишҳои ахлоқию иҷтимоӣ, бӯҳрони ҷомеа, номувофиқатии мақсадҳои гузошташуда ва имкониятҳои иҷрои онҳо, дуршавӣ аз ҷомеа, рӯҳафтодагӣ, афсурдаҳолӣ, болоравии сатҳи ҷинояткорӣ, фасод (*коррупсия*) ва омилҳои дигар пайдо мешавад.

**АНОНИ́М**, [< юн. anonumos беном, беимзо]. **1**. Муаллифи асар ё мактуб, ки номи худро пинҳон медорад. **2**. Асаре, ки номи муаллифаш нишон дода нашудааст.

**АНОНИМА́ЙЗЕР**, [англ. anonymizer]. *инф*. Барномаи компютерӣ ё *веб-сайт* барои махфӣ нигоҳ доштани манбаъҳо ва захираҳои шабакавӣ (бо роҳи пинҳон кардан ё тағйир додани IP-суроға).

**АНОНИ́МКА**, [< *аноним*]. Шикояти беимзо ё тавре имзошуда, ки муаллифи онро маълум кардан имконнопазир аст; дар баъзе мамлакатҳо чунин шикоятҳоро барои баррасӣ қабул намекунанд.

**АНО́НС**, [фр. annonse]. Эълони пешакии намоиши консерт, театр, кино, сирк, сафарҳои ҳунарӣ, мусобиқа ва ғ.

**АНОРЕ́КСИЯ**, [< юн. an… не, бе + rexia иштиҳо]. Беиштиҳоӣ; баста шудани иштиҳо.

**АНОРТИ́Т**, [< юн. anortos кач]. *маъд*. Минерал – алюмосиликати калсий аз гурӯҳи *плагиоклазҳо*.

**АНОРХИ́ЗМ, АНОРХИДИ́Я, АНОРХИ́Я**, [< юн. an… не, бе + orchis хоя, тухм]. *анат*. Бехоягии модарзодии инсон ва ҳайвонот.

**АНОСМИ́Я**, [< юн. an… не, бе + osme бӯй]. *тиб*. Дарк ё фарқ карда натавонистани бӯй; вуҷуд надоштани ҳисси шомма. || Мқс. дизосмия.

**АНОФЕ́ЛЕС**, [< юн. anopheles зарарнок]. Вараҷапашша; пашшае, ки плазмодийҳои вараҷаро паҳн мекунад (тақр. 300 намуд).

**АНОФТА́ЛМ (АНОФТА́ЛЬМ)**, [< юн. an… не, бе + ophthalmos чашм]. *тиб*. Бечашмии модарзодӣ ё талаф ёфтани як ё ҳарду чашм.

**АНСА́МБЛ (АНСА́МБЛЬ)**, [фр. ensemble якҷоя, дастаҷамъона, яклухт]. **1**. Ягонагии мавзун ва мувофиқати бадеии иҷрои ягон асари драмавӣ, мусиқӣ ва ғ. **2**. Мутаносибӣ ва якдигарро пурра кардани ашёи рӯзгор – мебел, либос ва ғ. **3**. *меъм*. Маҷмӯи биноҳое, ки як манзараи мутаносиб ва томро ташкил медиҳанд (ансамбли меъморӣ). **4**. Гурӯҳи санъаткорон – навозандагон, сарояндагон, раққосон, артистҳои эстрада, ки дар ҳайати як даста ҳунарнамоӣ мекунанд.

**АНТАБЛЕМЕ́НТ**, [фр. entablement]. *меъм*. Қисми болоии иморат, ки одатан дар болои сутунҳо меистад.

**АНТАГОНИ́ЗМ**, [< юн. antagonisma баҳс, мубориза]. Зиддияти (адовати) оштинопазир, ки бо муборизаи шадиди қувваҳо ва равияҳои ба якдигар душман зоҳир мегардад.

**АНТАГОНИ́СТ**, [< юн. antagonistes]. **1**. Душмани оштинопазир, ҳариф, рақиб. **2**. *анат*. Мушаке, ки баръакси мушаки дигар амал мекунад, мас., мушаки қаткунанда нисбати мушаки росткунанда. **3**. *биол*. Микроорганизмҳое, ки фаъолияти ҳаётии микроорганизмҳои намуди дигарро бозмедоранд. **4**. *анат*. Дандонҳои ҷоғҳои боло ва поён, ки муқобили якдигар ҷойгир шудаанд.

**АНТА́НТА**, [< фр. entente]. Номи як қатор блокҳои ҳарбӣ; иттиҳоди ҳарбии давлатҳои империалистӣ; А.-и аз ҳама машҳур, ки солҳои 1904-07 ба миён омад, иттифоқи Англия, Фаронса ва Россия буд; дар давраи ҷанги солҳои 1914-18 ба муқобили Олмон ва иттифоқчиёни он меистод; баъди ғалабаи Инқилоби Октябр Англия, Фаронса, ИМА ва як қатор мамлакатҳои дигар ба муқобили Россияи Шӯравӣ се юриши

аксулинкилобӣ ташкил карданд; баъди барбод рафтани ин *интервенсия* А. низ барҳам хӯрд.

**АНТА́РЕС**, [лот. antarius]. Яке аз ситораҳои калони бурҷи Ақраб.

**АНТАРКТИ́ДА**, [< лот. antarcticus ҷанубӣ + юн eidos намуд]. Қитъа дар маркази Антарктика; 99% ҳудуди он бо ях пӯшида шудааст, ки ғафсии миёнааш 1,72 км-ро ташкил медиҳад; дар А.-и Шарқӣ қутби хунуки Замин ҷойгир шудааст (– 89,2ºС).

**АНТА́РКТИКА**, [< юн. ant(i) зидди, баръакси + *Арктика*]. Минтақаи қутби ҷанубии кураи Замин, ки аз қитъаи Антарктида ва як қатор ҷазираҳои қисми ҷанубии уқёнусҳои Ором, Атлантика ва Ҳинд иборат аст.

**АНТАРКТОЗА́ВР**, [< *Антарктика* + … *завр*]. *Динозавр* аз гурӯҳи *зауроподҳо*, калонтарин ҳайвони мӯҳрадори рӯи замин, ки дарозии баданаш тахминан ба 40 м мерасид; боқимондаҳои онро аввалин маротиба дар ҷануби Аргентина, ки дар наздикии Антарктика воқеъ аст, пайдо карданд ва номаш аз ҳамин ҷост.

**АНТАСИДӢ**, [< *анти*… + лот. acidus турш]. Доруҳои антисидӣ – доруҳое, ки кислотаи намакини шираи меъдаро бартараф мекунанд, мас., ҳангоми бемории захми меъда ва рӯдаи дувоздаҳангушта.

**АНТЕ…**, [лот. ante]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки маънояш «то», «пеш аз» мебошад, мас., *антенаталӣ* – мансуб ба давраи пеш аз таваллуд шудани кӯдак.

**АНТЕ́Й**, [юн. Antaios]. Дар асотири юнониёни қадим номи қаҳрамони машҳур, писари Посейдон – худои баҳрҳо ва Гея – олиҳаи Замин; то даме, ки пойҳои Антей дар замин будаанд, ӯро ягон кас мағлуб карда наметавонистааст; Геракл пойҳои ӯро аз замин канда, дар ҳаво буғӣ карда куштааст.

**АНТЕНАТАЛӢ**, [< лот. ante то, пеш аз + natalis мансуб ба таваллуд]. *тиб*. Мансуб ба ҳаёти дохилибатнии кӯдак; тотаваллудӣ. Муҳофизати антенаталии насл – маҷмӯи тадбирҳои табобату пешгирӣ ва гигиенӣ барои инкишофи мӯътадили насл.

**АНТЕ́ННА**, [лот. antenna хода, сутун]. **1**. Мавҷгир; асбоб барои афканиш ё қабул кардани мавҷҳои электромагнитӣ. **2**. *зоол*. Узви овезаи (мӯйлаби дарози) каллаи ҳайвоноти буғумпо (мас., харчанг, тортанак, малах, каждум ва ғ.) барои ламсидан ва бӯидан.

**АНТЕРИ́ДИЙ**, [юн. antheros гулкунанда, шукуфон]. *бот*. Узви таносули наринаи ушнаҳо, буттаҳои сербарг, чилбуғум, зағирпоя, обсабзҳо ва занбӯруғҳо.

**АНТЕРОЗО́ИД**, [юн. antheros гулкунанда, шукуфон + zoon ҳайвон + eidos намуд]. *бот*. Ҳуҷайраи серҳаракати ҷинсии нарина (*сперматозоид*), ки дар *антеридийҳои* баъзе растаниҳо пайдо мешавад. || Мқс. гамета, остит, сперматозоид.

**АНТИ**…, [юн. anti…]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки маънои акс, зид, муқобилро ифода мекунад, мас., *антибиотикҳо, антигормонҳо, антифашизм*.

**АНТИАНГИНАЛӢ**, [< *анти*… + angina pectoris стенокардия]. *тиб*. Доруҳои антиангиналӣ – доруҳое, ки барои табобати *стенокардия* истифода мебаранд.

**АНТИА́ПЕКС**, [< *анти…* + *апекс*]. *астр.* Нуқтаи осмон, ки Офтоб аз он нисбати ситораҳо дур мешавад; баръакси *апекс.*

**АНТИБИО́ТИКҲО**, [фр. antibiotque < юн. anti… зид + bios ҳаёт]. *тиб., биол.* Моддаҳои аз микроб, ҳайвон ё растанӣ ҳосилшудае, ки инкишофи ин ё он микробро бозмедоранд ё онҳоро нест мекунанд; моддаҳои антибактериявиро, низ ки аз ҳуҷайраҳои растанӣ ва ҳайвонот ҳосил карда мешаванд, чунин меноманд; ҳамчун дору барои нест кардани бактерияҳо, занбӯруғҳои хурдтарин, баъзе вирусҳо ва соддатаринҳое, ки ба одам, ҳайвонот ва растаниҳо зарар мерасонанд, истифода бурда мешаванд; А.-ро бо роҳи синтези микробиологӣ ва химиявӣ ҳосил мекунанд.

**АНТИВИ́РУС**, [< *анти…* + *вирус*]. **1**. *тиб.* Доруи табобатие, ки аз микробҳо ҳосил карда шудааст; афзоиши маҳз ҳамон микроберо пешгирӣ мекунад, ки худи он аз ин микроб тайёр карда шудааст. **2.** Барномаи компютерӣ барои ёфтан ва нест кардани вирусҳои компютер, инчунин барқарор намудани файлҳое, ки вирусҳо аз кор баровардаанд.

**АНТИВИТАЛӢ**, [< *анти…* + vital ҳаётӣ]. *психол.* Ҳ о л а т и   а н т и в и т а л ӣ – ҳолати рӯҳафтодагӣ, дилсардӣ, ноумедӣ.

**АНТИВИТАМИ́НҲО**, [< *анти…* + *витаминҳо*]. Моддаҳои химиявие, ки ба таъсири витаминҳо мамониат мекунанд; антивитаминҳо бештар аз ҷиҳати сохташон бо баъзе витаминҳо наздиканд, аммо аз ҷиҳати таъсири биологӣ бо онҳо мухолиф мебошанд.

**АНТИГЕ́НҲО**, [< *анти…* + юн. genos  насл]. Подгунҳо; бегонагенҳо; моддаҳои барои организм бегонае, ки дар хун, ғадуд ва бофтаҳо подтанҳо (*антителоҳо*, антиҷисмҳо) пайдо мекунонанд; барои тайёр кардани *ваксинаҳо* ва зардобҳо истифода мешаванд.

**АНТИГИГИЕ́НА**, [< *анти…* + *гигиена*]. Шароити зист ё фаъолият, ки ба талаботи *гигиена* ҷавобгӯ набошад.

**АНТИГЛОБАЛИ́ЗМ**, [< *анти…* + *глобализм*]. Равияи сиёсие дар Аврупои охири асри 20 ва аввали асри 21, ки ба ҳамгироӣ ва муттаҳидшавии давлатҳои гуногун дар як иттиҳоди калон (бештар дар асоси умумияти иқтисод) муқобил мебаромад.

**АНТИГО́НА**, [< юн. қад.]. Дар асотири юнониёни қадим – духтари шоҳ Эдип; ҷасади бародараш Полиникро, ки дар ҷанг барои тахти падараш ҳалок шуда буд, дафн намуд; амакаш шоҳ Креонт ӯро барои ин гуноҳаш ба ғор андохта, дари ғорро бо санг маҳкам намуд.

**АНТИГОРИ́Т**, [англ. antigorite]. *маъд.* Як навъ минерали (*серпантини*) пулакчадор ва пӯчоқдор.

**АНТИГОРМО́НҲО**, [< *анти…* + *гормонҳо*]. Моддаҳои муҳофизатие, ки организм ба муқобили доруҳои гормоналии муддатҳои тӯлонӣ истифодашуда ҳосил мекунад; организм ба муқобили гормонҳои худаш антигормонҳо ҳосил намекунад.

**АНТИДАРВИНИ́ЗМ**, [< *анти…* + *дарвинизм*]. Маҷмӯи ақидаву назарияҳои гуногуне, ки таълимоти Дарвинро дар бораи интихоби табиӣ инкор мекунанд, аз қабили автогенез, неоламаркизм, ортогенез, эктогенез ва ғ.

**АНТИДЕПРЕССА́НТҲО**, [< *анти…* + *депрессия*]. *тиб.* Доруҳои *психотропии* сохти химиявӣ ва тарзи таъсирашон гуногуне, ки табъро хуш намуда, ҳисси рӯҳафтодагӣ, ҳаяҷон ва тарсу изтиробро рафъ менамоянд; чунин доруҳоро барои табобати баъзе бемориҳои рӯҳӣ, аз қабили афсурдаҳолӣ (*депрессия*) истифода мебаранд.

**АНТИДЕТОНА́ТОРҲО**, [< *анти…* + *детонатор*]. *хим.* Моддаҳое, ки ба сӯзишвории моторӣ ба миқдори хеле кам (такр. 1%) ҳамроҳ карда мешаванд, то ки дар муҳаррикҳои дарунсӯз *детонатсия* рӯй надиҳад; маъмултарин антидетонатор тетраэтилсурб мебошад; дар охирҳои асри 20 истифодаи он аз сабаби заҳрнок будани дуду газаш дар бисёр мамлакатҳо манъ карда шуд.

**АНТИДО́Т**, [< юн. antidoton]. *тиб.* Подзаҳр, позаҳр, нӯшдорӯ; доруе, ки заҳрро аз организм хориҷ мекунад ё онро безарар мегардонад.

**АНТИИНТЕЛЛЕКТУАЛИ́ЗМ**, [< *анти…* + *интеллектуализм*]. Инкор намудани имконпазирии дарки ҳақиқат бо ёрии хирад. || Мқс. интуитивизм, ирратсионализм, фидеизм.

**АНТИКВА́Р**, [лот. antiquarius дӯстдори осори атиқа]. Атиқашинос; атиқафурӯш; ҷамъкунанда ё фурӯшандаи ашёи қадима (сурат, китоб, зару зевар, мебел, ашёи рӯзгор ва ғ.); антикварий низ гӯянд.

**АНТИКВАРИА́Т**, [лот. antiquarius дӯстдори осори атиқа]. **1**. Атиқафурӯшӣ; фурӯши ашёи қадима, ки арзиши бузурги бадеӣ доранд. **2**. Маҷмӯи чунин ашё.

**АНТИКЛЕРИКАЛИ́ЗМ**, [< *анти…* + *клерикализм*]. Ҳаракате, ки бар зидди *клерикализм*, яъне бар зидди имтиёзҳои калисо ва рӯҳониён нигаронида шудааст, вале на ба муқобили худи дин.

**АНТИКОАГУЛЯ́НТҲО**, [< *анти…* + лот. coagulatio лахтшавӣ]. **1**. *тиб.* Доруҳое, ки ба лахтшавии хун ва пайдо шудани суддаҳо (*тромбҳо*) мамониат мекунанд; баръакси *коагулянтҳо*. **2**. *хим.* Моддаҳое, ки ба вайроншавии (*коагулятсияи*) системаҳои коллоидӣ монеъ мешаванд.

**АНТИЛОГАРИ́ФМ**, [< *анти…* + *логарифм*]. *мат.* Ҳама гуна ададе, ки *логарифм* дорад; агар log A = B бошад, пас адади «А» антилогарифми адади «В» аст.

**АНТИЛО́ПА**, [< лот. anthalopus]. *зоол.* Ғизол; ҳайвони ҷуфтсуми ширхӯр аз оилаи ковокшохҳо (зиёда аз 100 намуд); А.-ҳо асосан дар Африқо ва Осиё зиндагӣ мекунанд; барои гӯшти болаззат ва пӯсташон бисёр шикор карда мешаванд, аз ин рӯ шумораашон торафт кам мешавад.

**АНТИМЕТАБОЛИ́ТҲО**, [< *анти…* + *метаболитҳо*]. *биол.*, *тиб.* Моддаҳои фаъоли биологие, ки дар организм ҳосил мегарданд ё ба таври сунъӣ *синтез* кунонида мешаванд; аз ҷиҳати сохти химиявии худ ба маҳсулоти мубодилаи моддаҳо, яъне ба *метаболитҳо* (*витаминҳо, ферментҳо, гормонҳо*) наздиканд; ҳангоми вайроншавии мубодилаи моддаҳо ҳамчун дору истифода бурда мешаванд.

**АНТИМИЛИТАРИ́ЗМ**, [< *анти…* + *милитаризм*]. Ҳаракати ҷамъиятии зидди *милитаризм*, зидди оташдиҳандагони ҷанг ва зидди тайёрӣ ба ҷангҳои нав.

**АНТИМОНИ́ДҲО**, [< лот. antimonium сурма… + юн. eidos намуд]. *хим.* Пайвастҳои сурма бо элементҳои дигар; ба сифати нимноқилҳо истифода мешаванд.

**АНТИМОНИ́Т**, [< лот. antimonium сурма]. *маъд.* Минерал, сулфиди сурма бо омехтаҳои висмут, тилло, арсен, нуқра; барои гудохтани сурма ба кор меравад.

**АНТИМО́НИЯ**, [таҳрифшудаи *антиномия*]. Сафсаттагӯӣ, ҳарзагӯӣ, лаққигӣ.

**АНТИМУТАГЕ́НҲО**, [< *анти…* + *мутагенҳо*]. Омилҳои химиявӣ ва физикие, ки ба пайдошавии тағйиротҳои ирсии организм – *мутатсияҳо* мамониат мекунанд.

**АНТИНЕЙТРИ́НО**, [< *анти…* + *нейтрино*]. Зарраи холиси оддие, ки нисбат ба *нейтрино* антизарра мебошад; А. дар асоси *бета-таҷзия* пайдо мешавад.

**АНТИНЕЙТРОН**, [< *анти…* + *нейтрон*]. Зарраи холиси оддие, ки нисбат ба *нейтрон* антизарра мебошад.

**АНТИНО́МИЯ**, [юн. antinomia мухолифат дар қонун]. *фалс.* Зиддияти байни ду ақидаи якдигарро истиснокунандае, ки ҳар кадомашон мантиқан исботшаванда аст (мас., муттасилӣ ва номуттасилии материя). || Мқс. апория.

**АНТИОЗОНА́НТҲО**, [< *анти…* + *озон*]. Навъи *стабилизаторҳое*, ки полимерҳоро аз таъсири озони атмосфера муҳофизат мекунанд.

**АНТИОКСИДА́НТҲО**, [< *анти…* + *оксидҳо*]. *хим.* Моддаҳои табиӣ ё сунъӣ (мас., *фенолҳо*), ки оксидшавии пайвастҳои органикиро суст ё пешгирӣ мекунанд.

**АНТИПА́ПА**, [< *анти…* + *папа*]. Папаи Рим, ки калисои католикӣ эътирофаш накардааст.

**АНТИПАССА́ТҲО**, [< *анти…* + *пассатҳо*]. Бодҳои доимии ғарбӣ дар *тропосфераи* болоии арзҳои тропикӣ, ки аз болои *пассатҳо* ҳаракат мекунанд.

**АНТИПАТА́РИЙҲО**, [< *анти…* + *патарийҳо*]. *зоол.* Отряди рӯдаковокҳои баҳрии синфи марҷонҳо, ки бештар дар баҳрҳои тропикӣ дар жарфии 10-1000 м зиндагӣ мекунанд (тақ. 150 намуд).

**АНТИПА́ТИЯ**, [< юн. antipaheia]. Ҳисси бадбинӣ, нафрат, кароҳат; баръакси *симпатия*.

**АНТИПЕРИСТА́ЛТИКА**, [< *анти…* + *перисталтика*]. Ихтилоҷи мавҷмонанди рӯда, пешоброҳа ва дигар узвҳои дарунковок ба самти муқобил.

**АНТИПЕРСПИРА́НТ**, [англ. antiperspirant]. Доруи хушбӯи зидди арақ; *дезодоранте*, ки арақшоршавиро пешгирӣ мекунад. || Мқс. дезодоратор.

**АНТИПИРЕ́Н**, [< *анти…* + юн. pyr оташ]. Моддае, ки чӯб, пластмасса, матоъ ва масолеҳи дигарро аз алангагирӣ муҳофизат мекунад.

**АНТИПИРЕ́ТИКҲО**, [< *анти…* + юн. pyretos таб]. *тиб.* Номи умумии доруҳои табшикан.

**АНТИПО́ДҲО**, [< юн. antipodes]. **1**. Сокинони ду нуқтаи мутақобили кураи Замин. **2**. *бот*. Ҳуҷайраҳои ҷанинхалтаи растаниҳои тухмпӯшида, ки тухмашон дар поёни узви ҷинсӣ овезон аст. **3**. *маҷ*. Одамоне, ки аз ҷиҳати хислат, завқ ва мафкураи худ аз якдигар фарқ доранд.

**АНТИПРОТО́Н**, [< *анти…* + *протон*]. Зарраи оддие, ки нисбат ба *протон* аксулзарра аст.

**АНТИРАБӢ**, [< *анти…* + лот. paьies ҳорӣ]. *тиб*. Эмгузаронии антирабӣ – эмгузаронӣ ба муқобили ҳорӣ (бемории девонагӣ).

**АНТИРА́ДҲО**, [< *анти…* + *рад(иатсия)*]. Моддаҳое, ки полимерҳо ва масолеҳи дигарро ба таъсири афканишоти ионизатсиякунанда тобовар мегардонанд.

**АНТИСАНИТАРИ́Я**, [< *анти…* + *санитария*]. Вайрон кардани қоидаҳои санитарӣ; имкон додан ба паҳншавии бемориҳои гузаранда.

**АНТИСАНИТАРӢ,** [< *анти…* + *санитария*]. Хилофи қоидаҳои санитарӣ; ифлос, чиркин.

**АНТИСЕЙСМИКӢ**, [< *анти…* + *сейсмикӣ*]. Зиддизилзилавӣ. Воситаҳои А. – воситаҳои аз зилзила муҳофизаткунанда.

**АНТИСЕМИ́Т**, [< *анти…* + *семитҳо*]. Яҳудибадбин; яҳудитарс; *юдофоб*; шахсе, ки нисбати яҳудиён нафрату адоват дорад.

**АНТИСЕМИТИ́ЗМ**, [ол. Antisemitismus]. Яҳудибадбинӣ; яҳудитарсӣ; *юдофобия*; нафрату адоват нисбати яҳудиён, ки дар байни оммаи камсавод ба таври сунъӣ паҳн карда мешуд; таассуби миллӣ ва динӣ нисбати яҳудиён; А. дар шаклҳои гуногун зоҳир мегардид – аз айбдоркуниҳои бардурӯғ ва поймол намудани ҳуқуқҳои яҳудиён то муҳоҷиркунониҳои маҷбурӣ, қатли ом ва *геносид*. || Мқс. холокост.

**АНТИСЕ́ПТИКА**, [< *анти…* + юн. septikos]. *тиб*. Усулҳои табобат ва пешгирии уфунати захмҳо ба воситаи моддаҳои химиявӣ (*антисептикҳо*).

**АНТИСЕ́ПТИКҲО**, [< *анти…* + юн. septikos]. **1**. *тиб*. Моддаҳои химиявие, ки микробҳоро мекушанд; дар ҷарроҳӣ барои пешгирии уфунати захмҳо ба кор бурда мешаванд (*хлорамин, риванол* ва ғ.). **2**. *тех*. Воситаҳои зидди пӯсиши қисмҳои чӯбини иншооту иморатҳо.

**АНТИСТА́ТИКҲО**, [< *анти…* + *статика*]. Моддаҳое, ки электрнокшавии *статикии* (карахти) масолеҳ ва маснуоти полимериро кам мекунанд.

**АНТИТЕ́ЗА**, [< юн. antithesis муқобилгузорӣ]. *адш*. Тазод; муқобилгузории фикрҳо ё образҳои ба ҳам зид барои пурқувват кардани таассурот.

**АНТИТЕ́ЗИС**, [< юн. antithesis муқобилгузорӣ]. *фалс*. **1**. Мулоҳизае, ки ба *тезис* муқобил гузошта шудааст; инкор кардани ҳолати (мавқеи) ибтидоӣ дар ҷараёни дарки он. **2**. Дар фалсафаи идеалистии Гегел – зинаи дуюм аз се зинаи *триада* (*тезис*, антитезис ва *синтез*).

**АНТИТЕ́ЛОҲО**, [< *анти…* + юн. telos организми биологӣ]. *биол., хим.* Подтанҳо; антиҷисмҳо; сафедаҳои *глобулярии* (*иммуноглобулинҳои*) плазмаи хуни инсон ва ҳайвонот, ки ҳангоми ба организм ворид шудани сафедаҳои гуногуни бегона (*антигенҳо*) ҳосил шуда, таъсири зарарноки онҳоро рафъ мекунанд.

**АНТИТОКСИ́НҲО,** [< *анти…* + *токсинҳо*]. *биол., хим.* Подзаҳрҳо; сафедаҳои махсус (*антителоҳо*), ки организм барои безарар гардондани заҳри микроорганизмҳо, растаниҳо ва ҳайвонот ҳосил мекунад.

**АНТИУТО́ПИЯ,** [< *анти…* + *утопия*]. *адш.* Асари адабии фантастикие, ки ояндаи ҷамъияти инсониро бо ноумедӣ ва рӯҳафтодагӣ тасвир мекунад.

**АНТИФАШИ́ЗМ,** [< *анти…* + *фашизм*]. Ҷараёни демократие, ки идеологияи натсионал-сотсиализм, фашизм, бегонабадбинӣ ва ҳама гуна табъизи миллию диниро инкор мекунад.

**АНТИФАШИ́СТ,** [< *анти…* + *фашист*]. Душмани фашизм; мубориզи зидди фашизм; пайрави *антифашизм*.

**АНТИФАШИСТӢ,** [< *анти…* + *фашистӣ*]. Ҳаракати зидди фашизм; муборизаи зидди фашизм.

**АНТИФЕБРИ́Н,** [< *анти…* + лот. febris вараҷа]. *тиб.* Доруҳои табшикан ва таскини дард, ки то пайдо шудани *антибиотикҳо* васеъ истифода мешуданд.

**АНТИФЕРМЕ́НТҲО,** [< *анти…* + *ферментҳо*]. Моддаҳои сафедагие, ки организм барои боздоштани таъсири ин ё он *фермент* ҳосил мекунад, мас., кирму гиҷҷаҳои рӯда антиферментҳое ҳосил менамоянд, онҳоро аз ҳазм шудан дар ферментҳои ҳозима муҳофизат мекунанд.

**АНТИФИ́ДИНГҲО**, [< *анти…* + англ. feed хӯрдан]. Доруҳои химиявӣ барои тарсондани ҳашарот аз растаниҳое, ки онҳо одатан хоида нобуд мекунанд.

**АНТИФОБӢ,** [< *анти…* + *фобия*]. Д о р у ҳ о и  а н т и ф о б ӣ – доруҳои зидди тарс; доруҳое, ки барои бартараф намудани тарсу ваҳм ва изтиробу ҳаяҷон истифода мебаранд.

**АНТИФО́Н,** [юн. antiphonos садои ҷавобӣ]. Суруди калисоие, ки ду дастаи сарояндагон ё як нафар сарояндаю дастаи сарояндагон бо навбат месароянд.

**АНТИФРИ́ЗҲО,** [< *анти…* + англ. to freeze ях кардан]. *тех.* Маҳлули обии *глитсерин*, намакҳои ғайриорганикӣ, *этиленгликол* ва баъзе моддаҳои химиявии дигаре, ки дар хунукии сахт ях намекунанд; ҳангоми аз – 75 то 0°C будани ҳарорати ҳаво дар системаҳои хунуккунии муҳаррикҳои дарунсӯз истифода бурда мешаванд.

**АНТИФРИКСИОНӢ,** [< *анти…* + лот. frictio соиш]. *тех.* Камкунандаи қувваи соиш; м а с о л е ҳ и  А. – масолеҳе, ки коэффисиенти соишашон паст аст; р а в ғ а н ҳ о и  А. – равғанҳое, ки барои кам кардани соиш ва хӯрдашавии механизмҳо истифода мешаванд, мас., *солидол*.

**АНТИ́ХРИСТ,** [юн. Antichristos]. **1**. Дар асотири насрониён – душмани асосии Исо аст, ки гӯё пеш аз қиёмат пайдо мешавад. **2**. *мач*. Кофир, лаин, беимон.

**АНТИСИКЛО́Н (АНТИЦИКЛО́Н)**, [< *анти…* + *сиклон*]. Минтақаи миқёсан калони дорои фишори баланди атмосферӣ, ки ҳавои он дар нимкураи шимолӣ бо рафти ақрабаки соат ва дар нимкураи ҷанубӣ муқобили ақрабаки соат давр мезанад. Ба А. ҳавои софу беабр ва шамоли суст хос аст.

**АНТИСИПА́ТСИЯ (АНТИЦИПА́ЦИЯ)**, [< юн. anticipatio]. **1**. Пешакӣ фаҳмидан, пай бурдан, пеш аз вуқӯъ тахмин кардани воқеа. **2**. Аз вақташ пеш ба вуқӯъ омадани ҳодисае, коре, мас., адои қарз то тамом шудани мӯҳлати пардохти он, пайдо шудани аломатҳои беморӣ пеш аз мӯҳлати муқаррарӣ ва ғ.

**АНТОЛО́ГИЯ**, [юн. anthologia гулдаста, гулчин]. *адш*. Баёз; маҷмӯаи шеърҳои мунтахаби шоирони гуногун. || Мқс. алманах.

**АНТО́НИМҲО,** [< *анти…* + лот. onyma ном]. *збш*. Калимаҳои зидмаъно, мас.: «гарм – сард», «баланд – паст».

**АНТОФЕИ́Н,** [< юн. anthos ранг + faios тира]. *бот*., *хим*. Рангдиҳандаи (*пигменти*) сиёҳтобе, ки дар шираи ҳуҷайраҳои баъзе растаниҳо вуҷуд дорад.

**АНТИХЛО́Р,** [< юн. anthos ранг + chloros сабзтоб, зард]. *бот*., *хим*. Рангдиҳандаи (*пигменти*) зард аз гурӯҳи *флавонҳо*, ки дар шираи ҳуҷайраҳои баъзе растаниҳо вуҷуд дорад.

**АНТРАКО́З,** [< юн. anthrakos]. *тиб*. Яке аз намудҳои *пневмокониоз*; бемории шуш, ки дар натиҷаи дар шуш ҷамъ шудани чангу ғубори ангишт пайдо мешавад; бемории касбии ангиштканон ба шумор меравад. || Мқс. биссиниоз, силикоз.

**АНТРА́КС,** [< юн. anthrax ангишт]. *тиб., байт*. Захми сибирӣ; бемории сироятии шадиди одамон ва чорвои хонагӣ.

**АНТРА́КТ,** [фр. entracte < entre байни + acte намоиш]. **1**. Танаффуси байни пардаҳои спектакл, байни қисмҳои консерт ва ғ. **2**. Асари хурди мусиқӣ (*интермедия*), ки дар байни намоишҳои опера ё спектаклҳои драмавӣ иҷро карда мешавад.

**АНТРАХИНО́Н,** [< юн. anthrax ангишт + *хинон*]. Кристаллҳои органикии зарди сафедтоб аз гурӯҳи *хинонҳо*; барои синтези рангдиҳандаҳо, ранг кардани пашм, абрешим ва ғ. истифода мешавад.

**АНТРАСЕ́Н (АНТРАЦЕ́Н),** [< юн. anthrax ангишт]. Карбогидриди хушбӯйи беранг; барои синтези *антрахинон* чун ашёи хом истифода мебаранд.

**АНТРАСИ́Т (АНТРАЦИ́Т),** [< юн. anthrax ангишт]. Яке аз ҷинсҳои беҳтарини ангиштсанг; рангаш сиёҳи ҷилодор буда, дар вақти сӯхтан алангаи паст медиҳад; 7800-8350 калория дорад.

**АНТРАША́,** [фр. enterchat]. Дар балет ҷаҳиши сабуке, ки ҳангоми он раққос якчанд маротиба пойҳояшро зуд-зуд ба якдигар мерасонад.

**АНТРЕ́,** [< фр. entree ба саҳна баромадан, ворид шудан]. **1**. Дар мамлакатҳои Аврупои асрҳои миёна – бо тантана ба базмгоҳ ё ба толори рақс ворид шудани раққосону мутрибон бо либосҳои махсуси саҳнавӣ. **2**. Дар сирк – намоиши хурди мазҳакавии ширинкорон ё *пантомима*. **3**. Дар балет – бо рақс ба саҳна баромадани як ё якчанд раққос барои иҷрои қисми муқаддимавии намоиш.

**АНТРЕКО́Т,** [фр. entrecote < entre байни + cote қабурға]. **1**. Гӯшти байни қабурғаҳои гов. **2**. *Котлетаи* кӯфта аз ҳамин гӯшт.

**АНТРЕПРЕНЁ́Р,** [< фр. entrepreneur соҳибкор]. Менеҷери шоу-бизнес; соҳибкори хусусие, ки фаъолияташ бо театр, консерт, сирк алоқа дорад. || Мқс. продюсер.

**АНТРЕПРИ́ЗА,** [< фр. entreprise]. Муассисаҳои санъат аз қабили театр, сирк, толорҳои киною консерт ва ғ.

**АНТРЕСО́Л (АНТРЕСО́ЛЬ),** [< фр. entresol]. **1**. Болохона. **2**. Дар хонаҳои ҳозира чортоқи дардор дар зери шифт барои нигоҳ доштани ашёву анҷом. **3**. Болоҷевон; болоҷевонӣ; қисми болоии ҷевон, ки дари алоҳида дорад.

**АНТРИ́Т,** [< лот. antrum ковокӣ]. *тиб*. Варами луобпарда ва деворҳои устухони чаккаи сар; ба ин бемория бештар кӯдакони навзод гирифтор мешаванд.

**АНТРОПО...,** [< лот. anthropos одам]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки ба одам робита доштани истилоҳро мефаҳмонад, мас., *антропология, антропогенез*.

**АНТРОПОГЕ́Н,** [< *антропо… + … ген*]. *геол*. Давраи чорумин – давраи ҳозираи таърихи геологияи Замин (*кайнозой*), ки тақрибан 700 ҳазор – 1 миллион сол боз идома дорад; дар ибтидои ин давра одам пайдо шудааст ва номаш аз ҳамин ҷост.

**АНТРОПОГЕНЕ́З,** [< *антропо… + … генез*]. Соҳаи *антропология*, ки пайдоиши одамро меомӯзад.

**АНТРОПОГЕНЕ́ТИКА,** [< *антропо… + … генетика*]. *биол*. Генетикаи одам; илме, ки қонунҳои ирсият ва тағйирёбии организми инсонро меомӯзад.

**АНТРОПОГЕНӢ,** [< *антропо… + … генӣ*]. Дар натиҷаи фаъолияти инсон пайдошуда; бо фаъолияти инсон вобастабуда; таъсири А. – шаклҳои гуногуни таъсири фаъолияти инсон ба табиат, ки ҳам мусбат ва ҳам манфӣ буда метавонад; растаниҳои А. – растаниҳое, ки дар натиҷаи фаъолияти инсон (кишти зироатҳо, ниҳолшинонӣ, чарондани чорво, буридани дарахтон, хушкондани ботлоқҳо ва ғ.) пайдо ё нест шудаанд.

**АНТРОПОГРА́ФИЯ,** [< *антропо… + … графия*]. **1**. Тасвири графикии шакли бадан ва устухонҳои одам. **2**. Тавсифи нажоду халқиятҳои алоҳида.

**АНТРОПО́ИДҲО,** [< юн. anthropos одам + eidos намуд]. *биол*. Маймунҳои одамшакл. || Мқс. австралопитек, мегантроп.

**АНТРОПОЛОГИ́ЗМ,** [< юн. ниг. *антропология*]. *фалс.* Назарияи фалсафие, ки инсонро маҳсули олии табиат дониста, тамоми хислатҳои ӯро ба маншаи табиӣ тобеъ мешуморад ва таъсири ҷамъиятро дар ташаккули шахсияти вай эътироф намекунад.

**АНТРОПОЛО́ГИЯ,** [< юн. anthropos одам + logos илм]. Илме, ки пайдоиши инсон, тағйироти ҷисмонии одам, хусусиятҳои морфологӣ, физиологӣ, нажодӣ, ҷинсӣ ва синнусолии онро меомӯзад.

**АНТРОПОМЕ́ТРИЯ,** [< *антропо…* + *… метрия*]. Яке аз соҳаҳои *антропология*, ки бо андозагирии бадани одам ва узвҳои он машғул мешавад.

**АНТРОПОМОРФИ́ЗМ,** [< юн. anthropos одам + morphe намуд, шакл]. Тасаввуроти ғайриилмие, ки мувофиқи он ҳайвонот, наботот, ашёи беҷон, ҳодисаҳои табиати ғайризинда, ҷирмҳои осмонӣ гӯё хислату қобилиятҳои инсонро доранд, инчунин дар шакли инсон тасаввур намудани махлуқоти асотирӣ (мас., худоҳо, девҳо ва ғ.).

**АНТРОПОМОРФӢ,** [< *антропоморфизм*]. Одамшакл; одамсурат; мушобеҳи инсон. Маймуни А. – маймуни одамшакл.

**АНТРОПО́НИМ,** [< юн. anthropos одам + onyma ном]. *збш.* Номи одамон чун объекти тадқиқоти забоншиносӣ.

**АНТРОПОНИ́МИКА,** [< юн. anthropos одам + onyma ном]. *збш.* **1**. Соҳаи *ономасиология*, ки пайдоиш, тағйирёбӣ, паҳншавии географии номҳои одамонро тадқиқ мекунад. **2**. Маҷмӯи номҳои одамон дар ин ё он забон.

**АНТРОПОНО́ЗҲО,** [< юн. anthropos одам + nosos беморӣ]. *тиб.* Гурӯҳи бемориҳои сироятие, ки барангезандагони онҳо фақат ба одам зарар расонда метавонанд, мас., *грипп*, домана, вараҷа.

**АНТРОПОФА́Г,** [< юн. anthropos одам + phagein хӯрдан]. Одам ё ҳайвони одамхӯр. || Мқс. каннибал.

**АНТРОПОФА́ГИЯ,** [< юн. anthropos одам + phagein хӯрдан]. Одамхӯрӣ, *каннибализм.*

**АНТРОПОХОРИ́Я,** [< юн. anthropos одам + choreo равон мешавам, ҳаракат мекунам]. *бот.* Тухму меваи растаниҳоро беихтиёрона паҳн намудани одам, хусусан ҳангоми аз як ҷо ба ҷои дигар кашондани растаниҳо.

**АНТРОПОСЕНТРИ́ЗМ (АНТРОПОЦЕНТРИ́ЗМ),** [< юн. anthropos одам + лот. centrum марказ]. *фалс.* Ақидаест дар бораи он ки гӯё одам маркази Коинот ва мақсади ниҳоии тамоми олам аст.

**АНТУРА́Ж,** [фр. entourage]. Гирду атроф; муҳит; шароити ягон ҷой.

**АНТҲО,** [юн. Antai]. Қабилаҳои славяние, ки дар асрҳои 4 – 6 дар байни дарёҳои Днестр ва Днепр зиндагӣ мекарданд; асосан бо зираткорӣ машғул буданд; бо готҳо, аварҳо ва византиён ҷангидаанд.

**АНУРИ́Я,** [< юн. an… не + uron пешоб]. *тиб.* Қатъ гардидани фаъолияти пешобҷудокунии гурдаҳо.

**А́НУС,** [лот. anus]. *анат.* Мақъад; сӯрохии ақиб; сӯрохии *аналӣ.*

**АНФА́С,** [< фр. en face]. Намуди рӯи касе ё чизе аз пеш.

**АНФЕ́ЛСИЯ (АНФЕ́ЛЬЦИЯ),** [лот. Ahnfeltia]. *бот.* Ҷинси обсабзҳои сурхи ресмоншакл, ки асосан дар баҳрҳои хунуки Нимкураи шимолӣ мерӯяд.

**АНФИЛА́ДА,** [фр. enfilade]. Хонаҳои қатори дарун ба дарун, ки дарҳояшон муқобили якдигар ҷой гирифтаанд (одатан дар қасрҳо).

**АНХИТЕ́РИЙ,** [< юн. anchi наздик + therion ҳайвони ваҳшӣ]. *пал.* Аспи қадим, ки дар давраи *миотсен* зиндагӣ кардааст. || Мқс. гиппарион, палеотерий.

**АНЧА́Р,** [малаӣ]. *бот.* Заққум; дарахт аз оилаи тутҳо (5 – 6 намуд), ки дар минтақаҳои тропикии Осиё ва Африқо мерӯяд; яке аз намудҳои осиёии он (*упас*) ширaи сафеди заҳрнок дорад.

**АНЧО́УС,** [англ. anchovies]. Оилаи моҳиҳои хурди баҳрӣ аз гурӯҳи шӯрмоҳишаклҳо, ки дарозиашон то 20 см ва вазнашон то 19 гр мешавад (зиёда аз 100 намуд).

**АНШЛА́Г,** [ол. Anschlag]. **1**. Эълон дар театр, сирк, кино ва ғ. дар бораи он ки ҳамаи чиптаҳо (*билетҳо*) фурӯхта шудаанд. **2**. *маҷ.* Толори пур аз тамошобин. **3**. Сарлавҳаи калон дар рӯзнома, ки одатан ба тамоми саҳифа дахл дорад («шапка»-и саҳифа).

**А́НШЛИФ,** [ол. Anschliff]. Пораи минерал ё ҷинси кӯҳие, ки як тарафаш барои тадқиқ намудан бо заррабин суфта карда шудааст.

**А́НШЛЮС,** [ол. Anschluβ]. Сиёсати зӯран ба Олмон ҳамроҳ намудани Австрия, ки Гитлер соли 1938 пеш гирифта буд.

**АО́,** [хит.]. Дар асотири хитоиён – сангпуште, ки дар пушташ се кӯҳи муқаддасро бардошта, дар баҳр шино мекунад.

**АО́РТА,** [юн. aorte]. *анат.* Шоҳраг; раги калонтарин ва асосии хун, ки аз меъдачаи чапи дил мебарояд ва тамоми узвҳои баданро (ғайр аз шуш) бо хуни тоза таъмин мекунад.

**АОРТИ́Т,** [< *аорта*]. *тиб.* Варами деворҳои шоҳраг (*аорта*).

**АПАГОГӢ,** [< юн. apagogos]. *фалс.* И с б о т и  а п а г о г ӣ – исботи ғайримустақим, хулосабарорӣ дар бораи ҳақиқӣ будани мулоҳиза бо роҳи инкор намудани нуктаҳои ба он мухолиф.

**АПА́РТ,** [фр. aparte]. *Монолог* ё луқмапартоӣ ба тарафи тамошобинон, ки гӯё онро шарикони дар саҳнабуда «намешунаванд».

**АПАРТАМЕ́НТ,** [фр. appartement хона]. Хонаи калони боҳашамат; манзили серхона.

**АПАРТЕИ́Д,** [англ. apartheid]. Нажодпарастии ваҳшиёна; поймоли ҳуқуқ ва зӯран аз ҳам ҷудо кардани мардуми як кишвар, мас., сиёҳпӯстон аз сафедпӯстон.

**АПАТИ́Т,** [фр. apatite]. *маъд.* Минерал, фосфати калсий, ки онро барои истеҳсоли *суперфосфат,* инчунин дар металлургия ва оптика истифода мебаранд; дар таркиби А. омехтаҳои марганетс, сурма, уран вуҷуд доранд.

**АПАТИТО́З,** [< *апатит*]. *тиб.* Яке аз намудҳои бемории *пневмокониоз*, ки аз таъсири чангу ғубори *апатит* пайдо мешавад.

**АПА́ТИЯ,** [юн. apatheia]. Ҳолати бепарвоӣ, афсурдагӣ, мурдадилӣ, рӯҳафтодагӣ, беҳавасӣ. || Мқс. депрессия.

**АПАТОЗА́ВРҲО,** [< юн. apate дурӯғ + …*завр*]. Динозаврҳои калони растанихӯр аз гурӯҳи сусморкосҳо, ки дарозиашон ба 25 м мерасад; думу гардани дароз доранд; дар давраи юра дар Амрикои Шимолӣ мезистанд; номи пештараашон – *бронтозавр*.

**АПАТРИ́Д,** [< юн. а… не, бе + patris ватан]. *ҳуқ.* Беватан; шахсе, ки табаияти як давлатро гум кардаасту онро дар давлати дигар ба даст наовардааст; шахсе, ки аз ҳуқуқи шаҳрвандӣ маҳрум гардидааст. || Мқс. аполид, космополит.

**АПА́Ш,** [фр. apache аз номи қабилаи ҳиндуён – апачҳо]. **1**. Авбош, дузд, роҳзан; ин калима дар давраи қисми шимолии Амрикоро (сарзамини апачҳоро) забт намудани Фаронса пайдо шудааст. **2**. Куртаи мардонаи гиребонвасеи бетугма, ки ба либоси рӯйи апачҳо монанд аст.

**АПГРЕ́ЙД,** [англ. upgrade]. *инф.* Навсозӣ ва такмили (*модернизатсияи*) компютер ё таҷҳизоти диг. бо роҳи иваз намудани қисмҳои алоҳидаи он.

**АПДЕ́ЙТ,** [англ. updadt]. *инф*. Нав кардани барномаи компютер.

**А́ПЕЙРОН,** [юн. apeiron номутаноҳӣ, беохир, бешумор]. *фалс.* **1**. Дар фалсафаи юнониёни қадим – хосияти нахустунсурҳо. **2**. Баъдтар дар таълимоти афлотуния ва пифоғурсия – модда (*материя*).

**А́ПЕКС,** [лот. apex қулла]. **1**. *астр*. Нуқтаи осмон (дар бурҷи Геркулес), ки Офтоб нисбат ба ситораҳо ба самти он ҳаракат мекунад. **2**. *астр*. Нуқтаи осмон, ки Замин аз рӯи меҳвари худ ба сӯи он ҳаракат мекунад. **3**. *бот*. Нӯги тана ё решаи растанӣ, ки аз ҳуҷайраҳои нумув (меристемаҳо) иборат буда, қадкашии растаниро таъмин мекунад.

**АПЕ́ЛЛА,** [юн. apella]. Маҷлиси халқӣ – мақоми олии ҳокимият дар Спарта, ки ҳар моҳ дар зери осмони кушод баргузор мешуд; қарорҳои онро фақат подшоҳ бекор карда метавонист.

**АПЕЛЛЯ́НТ,** [ол. Appellant]. *ҳуқ*. Шахсе, ки *апеллятсия* пешниҳод кардааст; шикояткунанда; мурочиаткунанда; арзкунанда; додхоҳ.

**АПЕЛЛЯТИ́В,** [< лот. appellativus]. *збш.* **1**. Исми ҷинс (бар хилофи исми хос). **2**. Мухотаб (исми хос ё исми ҷинсе, ки вазифаи мухотабро иҷро мекунад).

**АПЕЛЛЯТСИОНӢ,** [< *апеллятсия*]. *ҳуқ*. Мансуб ба *апеллятсия*; м ӯ ҳ л а т и А . – мӯҳлати додани аризаи шикоятӣ; с у д и А . – суди болоие, ки ҳуқуқи аз нав санҷидани парвандаро дорад. || Мқс. кассатсионӣ.

**АПЕЛЛЯ́ТСИЯ (АПЕЛЛЯ́ЦИЯ),** [< лот. appellation мурочиат, шикоят, арз]. *ҳуқ*. **1**. Мурочиат барои маслиҳат ё дастгирӣ. **2**. Шикоят кардан ба суди сатҳи болой аз хусуси қарор ё ҳукми суди сатҳи поёнӣ. || Мқс. кассатсия.

**АПЕЛСИ́Н (АПЕЛЬСИ́Н),** [ол. Apfelsine себи чинӣ < Apfel себ + Sina Чин]. Афлесун; дарахти ҳамешасабз аз оилаи ситрусиҳо, ки меваи сершираи хушбӯй дорад; дар минтақаҳои тропикӣ ва субтропикӣ парвариш мекунанд; мевааш аз қанд, ҷавҳари лимӯ ва витаминҳои гуногун бой аст.

**АПЕРИТИ́В,** [фр. aperitif]. **1**. Нӯшокии спиртии камқувват барои кушодани иштиҳо. **2**. Ҳама гуна нӯшокии спиртие, ки пеш аз таом нӯшанд.

**АПЕРТУ́РА,** [< лот. apertura сӯрохӣ]. *физ*. **1**. Сӯрохии системаи оптикӣ, ки бо андозаи линзаҳо ё диафрагмаҳо муайян карда мешавад; А.-и кунҷ – кунҷи байни шуоъҳои канории конуси рӯшноӣ, ки дар асбоби оптикӣ акс меёбад. **2**. Қисми мавҷгири (*антеннаи*) мураккаб, ки нурҳои электромагнитиро меафканад ё қабул мекунад.

**АПИКАЛӢ,** [< лот. apex нӯг]. 1. *биол*. Нӯги растанӣ; қисми болоии растанӣ. 2. *збш*. Нӯгизабонӣ; ҳамсадоҳои А. – ҳамсадоҳое, ки бо нӯги забон талаффуз карда мешаванд, мас.: «д», «т».

**АПИЛИ́НКА,** [лит. upilinka]. Воҳиди маъмурӣ (ноҳия) дар Литва;

**А́ПИС,** [юн. Apis]. Дар асотири мисриёни қадим – барзагови муқаддас, худои ҳосилхезӣ ва фаровонӣ; барои парастиш асосан барзаговҳои сиёҳи пешонасафед интихоб карда мешуданд; дар хона ба дунё омадани чунин гӯсоларо фоли нек дониста, ба он ғамхории хоса зоҳир мекарданд.

**АПИТЕРАПИ́Я,** [< лот. apis занбӯр + *терапия*]. *тиб*. Барои табобат истифода бурдани заҳри занбӯр ва доруҳое, ки аз он тайёр карда мешаванд.

**АПЛА́ЗИЯ,** [< юн. а… не, бе + plasis ташаккул, ба вуҷуд омадан]. *тиб*. Нуқсони модарзодӣ; аз модар бе ягон узви бадан таваллуд шудан; адами модарзодии ягон узви бадан; *агенезия* низ гӯянд.

**АПЛАНОСПО́РАҲО,** [< юн. aplanes бехато + spora спора, тухм]. *бот*. *Спораҳои* беҳаракати обсабзҳо (мас., хлореллаҳо), ки барои афзоиши ғайриҷинсӣ хизмат мекунанд.

**АПЛО́МБ,** [фр. aplomb мувозинат]. **1**. Мувозинати устувори бадани раққос ё раққоса ҳангоми рақс. **2**. *маҷ*. Кибр; ғурур; худбоварӣ. || Мқс. гонор, фанаберия.

**АПНО́Э,** [< юн. а… не, бе + pnoe нафас]. *тиб*. Муваққатан қатъ гардидани нафаскашӣ. || Мқс. асфиксия, диспноэ.

**АПО…** [< юн. apo… бе, аз]. Қисми калима, ки маънои вуҷуд надоштан, дур будан, гум шудани ягон чиз (мас., *апогамия*) ё аз ягон чиз пайдо шуданро дорад (мас., *апоморфин*).

**АПОА́СТР,** [< юн. apo… дур + astron ситора]. *астр.* Нуқтаи аз ситораи асосӣ дуртарини мадори ситораи ҳамрадиф.

**АПОГА́МИЯ,** [< юн. apo… бе, вуҷуд надоштан + gamos ҷуфтшавӣ]. *бот.* Инкишофи ғайриҷинсии ҷанини баъзе растаниҳо аз ҳуҷайраҳои ҷанинхалта. || Мқс. амфимиксис.

**АПОГЕ́Й,** [< юн. apogeios дур аз Замин]. **1**. *астр.* Нуқтаи аз Замин дуртарини мадори Моҳ, радифи маснуи Замин ё киштии кайҳонӣ. **2**. *маҷ.* Авҷи аъло; дараҷаи олӣ; қуллаи баландтарини шӯҳрат, инкишоф ё камолот.

**АПОКА́ЛИПСИС,** [< юн. apokalypsis ваҳй]. **1**. Ваҳй, каромот, пешгӯӣ. **2**. Дар дини насронӣ – яке аз китобҳои «Аҳди ҷадид» (қадимтарин осори адабиёти масеҳӣ), ки дар бораи тақдири оламу одам, «қиёмат», «рӯзи маҳшар» ва дигар каромоти ирфонӣ ривоят мекунад; калисо муаллифи онро апостол Иоанн Богослов мешуморад. **3**. *маҷ.* Фалокат ё фоҷиаи мудҳиш барои оламу оламиён.

**АПО́КОПА,** [< юн. apokope буридашавӣ, ихтисоршавӣ]. *збш.* Афтидани як ё якчанд овоз дар охири калима, мас., «ҳаш» ба ҷои «ҳашт», «чан» ба ҷои «чанд».

**АПОКРИНӢ,** [< юн. apokrino ҷудо мекунам]. *физиол.* Ғ а д у д ҳ о и  а п о к р и н ӣ – ғадудҳое, ки дар натиҷаи тарашшӯҳ қисмҳои болоии ҳуҷайраҳояшон канда мешаванд; ғадудҳои калони арақи бадан аз ҳамин қабиланд.

**АПО́КРИФ,** [< юн. apokryphos махфӣ, пинҳонӣ]. **1**. Бино ба аҳкоми дини масеҳӣ ва динҳои дигар – китобҳои диние, ки мавзӯашон аз Тавроту Инҷил буда, вале ба таълимоти расмии динӣ кам мувофиқат мекунанд ва аҳли калисо он китобҳоро муқаддас намешуморад. **2**. Таълифоти бардурӯғе, ки ҳақиқат ангошта мешавад. **3**. Асаре, ки муаллифаш аниқ карда нашудааст.

**АПОЛИ́Д,** [< юн. a.. не, бе + polis шаҳр, давлат]. *ҳуқ.* Шахсе, ки ҳуқуқи шаҳрвандӣ (табаият) надорад; *апатрид* низ гӯянд;

**АПОЛИТИ́ЗМ,** [< a.. бе + юн. politice сиёсат]. Саркашӣ аз ҳаёти сиёсӣ; шакли пинҳон доштани ақидаҳои сиёсии худ; бепарвоӣ дар масъалаҳои сиёсат; дур будан аз сиёсат; сиёсатбадбинӣ.

**АПОЛЛО́Н,** [юн. Apollon]. **1**. Дар асотири юнониёни қадим – писари Зевс ва Лето; худои Офтоб ва каромот (номи дигараш – Феб); пуштибони санъат ва тиб. **2**. *маҷ.* Марди хушқаду зебо. **3**. *астр.* Номи яке аз сайёраҳои хурд, ки қутраш тақрибан 1 км аст. **4**. *зоол.* Шапалаки калону зебои рӯзпарвоз (паҳнии болҳояш то 9 см); дар Аврупо, Кавказ ва Сибири Ғарбӣ зиндагӣ мекунад.

**АПОЛО́Г,** [< юн. apologos ҳикоя, тамсил]. *адш.* Масал; ҳикояи хурди тамсилӣ; ҳикоячаи манзум аз ҳаёти ҳайвонот. Мас., ҳикояҳои «Калила ва Димна», масалҳои И. Крилов.

**АПОЛОГЕ́Т,** [< юн. apologetes]. **1**. Ҳимоятгари ягон ақида ё таълимот. **2**. Маддоҳ, ситоишгар, санохон.

**АПОЛОГЕ́ТИКА,** [< юн. apologetikos]. **1**. Як шӯъбаи фиқҳи насрониён, ки «ҳақ» будани таълимоти дини исавиро бо далелҳо исбот карданӣ мешавад. **2**. *маҷ*. Ҳимоя (ситоиш) кардан; тарафдории ғаразноки ягон ақида, таълимот ва ғ.; мадҳи аз ҳад зиёд ба ҷои баҳодиҳии холисона.

**АПОЛО́ГИЯ,** [< юн. apologia]. Ҳимояи ноҳақ; ситоиши аз ҳад зиёд, маддоҳӣ, санохонӣ.

**АПОМИ́КСИС,** [< юн. apomixis]. *биол*. Афзоиши баъзе растаниҳо ва ҳайвонот бо роҳи ғайриҷинсӣ.

**АПОНЕВРО́З,** [< *apo*… аз + neuron пай, раг]. *анат*. Рагпардае, ки бо ёрии он мушакҳо ба устухон мечаспанд. || Мқс. фастсия.

**АПОПЛЕ́КСИЯ,** [< юн. apoplexia]. *тиб*. Ногаҳон кафидани раги хун дар ягон узв, мас., дар мағзи сар – *инсулт*.

**АПОРИ́Я,** [< юн. aporia]. *фалс*. Дар фалсафаи аҳди атиқа – мушкилоти мантиқӣ; зиддияти рафънопазир ҳангоми ҳал кардани ягон масъала. || Мқс. антиномия.

**АПО́РТ**[1]**,** [пол. japort]. Як навъ себи калони ширин; дарахти ҳамин гуна себ.

**АПО́РТ**[2]**,** [фр. apporte]. Нидое, ки бо он ба саг муроҷиат мекунанд ва маънои «биёр», «бидеҳ»-ро дорад.

**АПОСЕЛЕ́НИЙ,** [< юн. apo… дур аз + selene Моҳ]. *астр*. Нуқтаи аз маркази Моҳ дуртарини мадори радифи сунъии Моҳ; муқобили *периселений*. || Мқс. апоастр, апогей.

**АПОСПОРИ́Я,** [< юн. apo… бе + spora тухмӣ]. *бот*. Дар растаниҳо инкишоф ёфтани *гаметофит* на аз *спораҳо*, балки аз ҳуҷайраҳои дигари *спорофит*.

**АПОСТЕРИО́РИ,** [< лот. a posteriori]. Дар асоси таҷриба; баъди санҷиш; баръакси *априори*.

**АПОСТИ́Л (АПОСТИ́ЛЬ)**, [< фр. apostille]. Муҳри чоркунҷае, ки ҳақиқӣ будани имзо ва муҳри дар ҳуҷҷати байналмилалӣ гузошташуда, инчунин дар ҳудуди мамлакати дигар эътибори ҳуқуқӣ доштани ин ҳуҷҷатро тасдиқ мекунад.

**АПО́СТОЛ,** [< юн. apostolos сафир, фиристода]. **1.** Ҳавворӣ; аз рӯи ривояти Инҷил – ҳар кадоме аз дувоздаҳ ёри Исо, ки таълимоти ӯро тарғиб мекарданд. **2**. *маҷ*. Мубаллиғ, тарғибгар, паҳнкунанда.

**АПОСТРО́Ф,** [< юн. apostrophos]. Аломати вергулшакл, ки дар баъзе забонҳо ба ҷои садонок дар қисми болоии сатр гузошта мешавад. Масалан, дар забони англисӣ don’ t ба ҷои do not; дар забони тоҷикӣ ҳангоми навиштани баъзе номҳои хориҷиасл, аз қабили Жанна д’ Арк (ба ҷои Жанна де Арк) кор фармуда мешавад.

**АПОСТРО́ФА,** [< юн. apostrophe]. Сабки баён: мурочиат ба шахси ғоиб ҳамчун ба шахси ҳозир, ба чизи беҷон ҳамчун ба чизи зинда, инчунин хитоби ногаҳонӣ ба яке аз шунавандагон, тамошобинон ё хонандагон.

**АПОФЕ́ГМА, АПОФТЕ́ГМА,** [<юн. apophthegma]. Маҷмӯаи панду андарз ё ҳикоячаҳои пандомӯз.

**АПОФЕГМА́Т,** [<юн. apophthegmat]. Ниг. *апофегма.*

**АПОФЕ́МА,** [< юн. apophema як сӯ мегузорам]. *геом.* Хати амудӣ (*перпендикуляр*), ки аз маркази бисёркунҷаи баробаргӯша ба ҳар тарафи он кашида мешавад, инчунин дарозии чунин хат.

**АПОФЕО́З,** [< юн. apopheosis парастиш]. **1**. Ташҳир; машҳур сохтани ягон шахс, воқеа ва ғ. **2**. Қисми тантанавори хотимавӣ дар баъзе спектаклҳо, консертҳо, намоишҳои сирк. || Мқс. финал. **3**. *маҷ.* Бо дабдаба ва карру фар ба охир расидани ягон кор ё воқеа.

**АПОФЕРМЕ́НТ,** [< юн. аро аз + *фермент*]. *биол., хим.* Қисми сафедадори *фермент*; аз қисми дигари фермент – *кофермент* бо он фарқ мекунад, ки ба таъсири ҳарорат тоб надорад.

**АПО́ФИЗ,** [< юн. apophysis шоха]. *анат.* Шоха, дӯнгӣ, ғуррӣ дар устухон.

**АПОФИ́ЗА,** [< юн. apophysis шоха]. **1**. *бот.* Шохчаи пояи кӯраки баъзе ушнаҳо ва ғ. **2**. *геол.* Шохчаи дарози кафидаи ҷинси ковок ва ҷинси тафтавӣ (магмавӣ).

**АПОФОНИ́Я,** [< *апо..* + *…фония*]. Ниг. *аблаут.*

**АПОСЕ́НТР (АПОЦЕ́НТР),** [< юн. аро + *сентр*]. *астр.* Нуқтаи мадори ҷирми осмонӣ, ки аз маркази ҷирм дар масофаи дуртарин ҷойгир шудааст.

**АППАРА́Т,** [< лот. apparatus таҷҳизот]. **1**. Олат, асбоб, таҷҳизот, дастгоҳ. **2**. Муассиса ё муассисаҳои ягон соҳаи маъмурӣ ё хоҷагӣ. **3**. Ҷамъи узвҳои инсон, ҳайвонот ва наботот, ки як вазифаи муштаракро иҷро мекунанд, мас., А.-и нафаскашӣ, А.-и ҳозима ва ғ. **4**. Ҳайати кормандони ягон ташкилот, муассиса. **5**. Маводу китобҳое, ки муаллифи асари илмӣ истифода бурдааст (А.-и илмӣ).

**АППАРАТУ́РА,** [< *аппарат*]. Маҷмӯи асбобу дастгоҳҳо; таҷҳизоти озмоишгоҳ, лаборатория, сех ва ғ.

**АППАРЕ́Л (АППАРЕ́ЛЬ),** [фр. apparel]. **1**. Даромадгоҳи нишеб дар хандақҳо ва паноҳгоҳҳо барои даромадан ва баромадани техникаи ҳарбӣ. **2**. Теппаи як тарафаш нишеб (*платформа*) барои ба мошин бор кардани техника ё чорво. **3**. Зинапояи (*трапи*) бардошташаванда дар ҳавопаймо ё киштиҳои десантӣ барои баромадану фуромадани одамон ва техникаи ҳарбӣ.

**АППАССИОНА́ТА,** [ит. appasionato]. Асари мусиқие, ки бо ҷӯшу хурӯш ва эҳтирос иҷро карда мешавад.

**АППЕ́НДИКС,** [< лот. appendix иловагӣ, зиёдатӣ]. **1**. *анат*. Шохчаи кирммонанди кӯррӯда; кирмрӯда. **2**. Рӯдаи остинмонанди поёни дирижабл ё аэростат, ки барои бо газ пур кардани он ва сар додани гази зиёдатӣ дар вақти парвоз хизмат мекунад.

**АППЕНДИСИ́Т (АППЕНДИЦИ́Т),** [< *аппендикс*]. *тиб*. Варами кирмрӯда (*аппендикс*); бо дарди сахт дар тарафи рости ковораи шикам, дилбеҳузурӣ ва қайкунӣ зоҳир мегардад. || Мқс. тифлит.

**АППЕРКО́Т,** [англ. upper-cut]. *варз*. Дар бокс – зарбае, ки аз таг ба боло ба манаҳ ё тани ҳариф зада мешавад.

**АППЕРСЕ́ПСИЯ (АППЕРЦЕ́ПЦИЯ),** [< лот. ad ба + perseptio идрок]. *фалс., психол.* **1**. Дар фалсафаи Готфрид Лейбнитс (1646 – 1716) – дарки бошууронаи эҳсосот, таассурот, ғояҳо ва ғ., бар хилофи *персепсияи* бешуурона. **2**. Дар фалсафаи Иммануил Кант (1724 -1804) – А.-и трансссенденталӣ – ягонагии азалии шуур, ки шарти асосии таҷриба ва маърифат дониста мешавад. **3**. Дар равоншиносии Вилгелм Вундт (1832 – 1920) – идроке, ки иродаи қавиро талаб мекунад. **4**. Дар равоншиносии муосир – идрок.

**АППЛИКА́НТ,** [англ. applicant]. Одаме, ки бо ягон талаб муроҷиат мекунад; муроҷиаткунанда.

**АППЛИКА́ТА,** [лот. applicata ҷафсшаванда, часпанда]. *мат*. Яке аз *координатаҳои* росткунҷаи (*декартии*) нуқта дар фазо. || Мқс. абссисса, ордината.

**АППЛИКА́ТОР,** [лот. applicare гузоштан, часпондан]. *тиб*. Асбоб ё таҷҳизоте, ки ба сифати манбаи ягон намуди энергия ё моддаҳои ба организм таъсиркунанда ба рӯи пӯсти бадан гузошта мешавад.

**АППЛИКАТУ́РА,** [лот. applicatus]. Тартиби гузоштани ангуштон ҳангоми навохтани асбоби мусиқӣ, инчунин аломати рақамии чунин тартиб дар нота.

**АППЛИКА́ТСИЯ (АППЛИКА́ЦИЯ),** [< лот. applicatio гузоштан, часпондан]. Сурат ё нақшу нигоре, ки бо роҳи часпондани коғази ранга ё дӯхтани пораҳои матоъ дар рӯи ягон чиз тайёр карда мешавад.

**АППЛИКЕ́,** [фр. appligue]. **1**. Нуқраи сохта. **2**. Маснуоти металлие, ки бо қабати тунуки нуқра рӯйкаш шудааст; маснуоти нуқраандуд.

**АППОЗИ́ТСИЯ (АППОЗИ́ЦИЯ),** [< лот. appositio илова кардан, зам кардан]. **1**. *биол.* Афзоиши бофтаҳои организм бо роҳи зам шудани қабатҳои нав ба қабатҳои пештара. **2**. *збш*. Муайянкунандае, ки бо исм ифода ёфтааст.

**АППО́РТ,** [фр. apporte]. Ниг. *апорт*.

**АППРЕ́Т,** [фр. appret]. Моддаҳое (оҳар, собун, равған, ҷавҳари селлюлоза ва ғ.), ки ҳангоми пардози матоъ ва калоба ба онҳо молида мешаванд, то ки хосиятҳои матлуб пайдо кунанд (мас., бадошт, нарм, ҷилодор шаванд).

**АПРА́КСИЯ,** [< юн. arraxia беҳаракатӣ, беамалӣ]. *тиб*. Гум ё кам шудани қобилияти иҷрои амалу ҳаракатҳои мақсадноки муқаррарӣ дар натиҷаи осеб ёфтани шӯъбаҳои олии қишри мағзи сар. || Мқс. адинамия, гиподинамия, гипокинезия.

**АПРЕ́Л (АПРЕ́ЛЬ),** [< лот. Aprilis]. Моҳи чоруми соли тақвимӣ, ки 30 шабонарӯз аст.

**АПРИО́РИ,** [< лот. a priori аз азал, аз ибтидо]. **1**. Дар назарияи маърифат – дониши пеш аз таҷриба вуҷуддошта ва ба он вобастанабуда (зидди *апостериори*). **2**. Новобаста ба таҷриба; то таҷриба; бе омӯзиши далелҳо. **3**. *маҷ*. Пешакӣ тасдиқ, инкор ё созиш кардан.

**АПРИОРИ́ЗМ,** [< *априори*]. *фалс*. Таълимоти фалсафии Иммануил Кант ва пайравони ӯ, ки вақт, фазо, сабаб ва ғайраро на шаклу муносибати худи ҳастие, ки дар таҷрибаи эҳсосот ва мафҳумоти мантиқӣ инъикос мегардад, балки шаклҳое мешуморад, ки гӯё аз азал ба шуури инсон, сарфи назар аз таҷриба, хос аст.

**АПРОБА́ТСИЯ (АПРОБА́ЦИЯ),** [лот. approbatio]. **1**. Маъқул донистан, тасдиқ кардан дар асоси санҷиш, муоина, тафтиш ё озмоиш. **2**. Муайян кардани сифати навъҳои тухмӣ ё ниҳол бо мақсади ҷудо карда гирифтани беҳтарини онҳо барои кишт.

**АПРОПРИА́ТСИЯ (АПРОПРИА́ЦИЯ),** [лот. approрriatio азхудкунӣ]. Ягон чизро азхуд кардан, соҳиб шудани организм; мутобиқ шудани организм ба ягон чиз.

**АПРО́Ш,** [< фр. approche наздикшавӣ]. **1**. Роҳи хандақмонанди пурпечутоб барои пинҳонӣ наздик шудан ба истеҳком ё қалъаи муҳосирашудаи душман. **2**. Фосилаи байни ҳарфҳо ё калимаҳо дар матни чопӣ.

**АПСИ́ДА, АБСИ́ДА** [< юн. apsis]. **1**. *меъм*. Тоқ, равоқи нимдоира ё росткунҷаи иморатҳо. **2**. *астр*. Нуқтаи наздиктарин ё дуртарини мадори як ҷирми осмонӣ нисбати ҷирми дигар. || Мқс. апоастр, апогей.

**АПТЕ́КА,** [< юн. apotheke анбор, анҷомхона]. Дорухона; муассиса (ё як қисми беморхона) барои тайёр кардан, нигоҳ доштан ва фурӯхтани дору ё дигар асбобу анҷоми тиббӣ.

**АПТЕРИГО́ТҲО,** [< юн. a… бе + pterux қанот, бол]. *зоол*. Ҳашаротҳои беболе, ки дарозиашон то 5 см буда, асосан дар хок ва дар зери растанӣ ва дарахтони пӯсидаи ҷангал зиндагӣ мекунанд.

**АПТЕ́РИЯ,** [< юн. a… бе + pteron пар]. *зоол*. Қисми бепари пӯсти паррандаҳо; баръакси *птерилия*.

**АР,** [фр. are < лот. area майдон]. Воҳиди майдон, ки ба 100 м$^2$ ё 0,01 га баробар аст.

**А́РА,** [фр., пор., ҳиндуӣ ara]. *зоол*. Ду ҷинси тӯтиҳои думдарози парҳояшон ранга, ки асосан дар Мексика ва Парагвай зиндагӣ мекунанд; села-села ба боғҳои мева ҳуҷум меоранд; ба зудӣ ром мешаванд ва ба овозҳо тақлид мекунанд.

**АРАБЕ́СК,** [фр. arabesque, ит., исп. arabesco арабӣ]. Яке аз унсурҳои рақси классикӣ (хусусан дар балет), ки ҳангоми иҷрои он тамоми вазни бадан ба як пой меафтад, пойи дигар бошад, рост карда, ба ақиб бардошта мешавад. || Мқс. аттитюд.

**АРАБЕ́СКА,** [фр. arabesque, ит., исп. arabesco арабӣ]. **1**. Нақши ислимӣ; як намуди мураккаби нақшу нигор, ки аз шаклҳои геометрӣ, баргу гулҳои гуногун иборат буда, нахустин бор дар санъати араб истифода шудааст (номаш аз ҳамин ҷост) ва баъдтар ба санъати меъморӣ ва наққошии мамлакатҳои дигар гузаштааст. **2**. Маҷмӯи асарҳои хурди адабӣ ва мусиқӣ.

**АРАБИ́ЗМ,** [< арабӣ]. *збш.* **1**. Калимаю иборахое, ки аз забони арабӣ гирифта шудаанд. **2**. Ҷумласозӣ ва калимасозӣ аз рӯйи қолаби забони арабӣ.

**АРАГОНИ́Т,** [аз номи вилояти Арагони Испания]. *маъд.* Минерале, ки аз карбонати калсий таркиб ёфтааст; дар шакли кристаллҳои сӯзаншакли беранг, сафед, хокистарранг, бунафш ё сиёҳ вомехӯрад.

**АРА́ЛИЯ,** [лот. Aralia]. *бот.* **1**. Растании буттагие, ки баргҳои паҳну гулҳои калон дошта, дар минтақаҳои тропикӣ ва субтропикии нимкураи Шимолӣ мерӯяд. **2**. Растании хонагӣ аз ҷинси *фатсия.*

**АРАНЖИРО́ВКА,** [< фр. arranger ба тартиб даровардан]. Мувофиқ кунондани асари мусиқии барои як асбоби мусиқӣ ё дастаи асбобҳои мусиқӣ навишташуда ба асбоби мусиқӣ ё дастаи асбобҳои мусиқии (созҳои) дигар.

**А́РАНЯКҲО,** [< санск. китобҳои ҷангалӣ]. Дар Ҳиндустони қадим – китобҳои панду андарз, ки барои зоҳидони бешагард навишта шудаанд.

**А́РАНЯНҲО,** [< ҳинд. ҷангал]. Дар мазҳаби ҳиндуия – олиҳаи ҷангал, модари ҷонварони ваҳшӣ; мусофирони раҳгумзада барои ёрӣ одатан ба А. муроҷиат мекарданд.

**АРАПА́ЙМА,** [< лот. Arapaima gigas]. *зоол.* Номи моҳӣ аз гурӯҳи шӯрмоҳишаклҳо, ки дарозиаш то 4 м мешавад; дар ҳавзаи дарёи Амазонка зиндагӣ мекунад.

**АРА́ТҲО,** [муғ.]. **1**. Чорводорҳои муғул чи дар худи Муғулистон ва чи дар минтақаҳои муғулнишини мамлакатҳои дигар, мас., дар Чин. **2**. Ба маънии васеаш – тамоми ҳалқи муғул. **3**. Дар Русия – деҳқонони Тува.

**АРАУКА́РИЯ,** [аз номи музофоти Араукои Чили]. *бот.* Яке аз навъҳои дарахти ҳамешасабзи сӯзанбарг, ки асосан дар Амрикои Ҷанубӣ ва Австралия мерӯяд.

**АРА́ХИС,** [юн. arachis]. Чормағзи заминӣ; растании бисёрсола аз оилаи лӯбиёгиҳо, ки донакҳои хӯрданӣ дорад (дар зери хок мерӯяд); ватанаш Амрикои Ҷанубист; аз донакҳои он равған ҳосил мекунанд.

**АРАХНИ́ДҲО,** [< юн. arachne тортанак + eidos намуд]. *зоол.* Тортанакшаклҳо; синфи буғумпойҳо, ки тортанакҳо, каждумҳои тортанакшакл ва канаҳоро дар бар мегирад.

**АРАХНО́ЗҲО,** [< юн. arachne тортанак]. *байт.* Бемориҳои чорво, ки аз газидани канаҳо пайдо мешаванд, мас., *демодекоз*.

**АРАХНОИДИ́Т,** [< юн. arachne тортанак + eidos намуд]. *тиб.* Варами тортанакпардаи мағзи сар ё ҳароммағз дар натиҷаи сироят, садама, заҳролудшавӣ; А.-и мағзи сар бо дарди сар, қайкунӣ, рагкашӣ, сустшавии босира ва сомеа, А.-и ҳароммағз бошад, бо дарди дасту пойҳо, ихтилоли ҳассосият ва ғ. зоҳир мегардад.

**АРАХНОЛО́ГИЯ,** [< юн. arachne тортанак + … *логия*]. Тортанакшиносӣ; соҳаи зоология, ки тортанакшаклҳоро меомӯзад.

**АРАХНОФО́БИЯ,** [< юн. arachne тортанак + … *фобия*]. Тортанактарсӣ; тарсу ҳазари беморимонанд аз тортанак.

**АРБАЛЕ́Т,** [фр. arbalete]. Аслиҳаи қадимаи тирпарронӣ – камоне, ки ба пояи уфуқӣ устувор карда шудааст; ҳоло онро баъзан кӯрукшиканҳо (*браконйерҳо*) дар шикори ҳайвоноту паррандаҳо истифода мебаранд, зеро ҳангоми паррондан садо намебарорад.

**АРБИ́ТР,** [фр. arbitre]. **1**. Ҳакам; миёнараве, ки тарафҳои баҳскунанда бо созиши якдигар интихоб мекунанд ё бо тартиби муқаррарнамудаи қонун таъйин карда мешавад; узви *арбитраж*. **2**. Дар баъзе мамлакатҳо – шахси мансабдоре, ки баҳсҳои байни субъектҳои хоҷагидориро ҳал мекунад. **3**. Довари мусобиқаҳои варзишӣ.

**АРБИТРА́Ж,** [фр. arbitrage]. **1**. Баррасӣ ва ҳалли масъалаҳои баҳснок аз ҷониби судяҳои миёнарав (*арбитрҳо*) ё судҳои ҳакамӣ. **2**. Идораи давлатие, ки баҳсҳои дар байни корхонаҳо, ташкилотҳо ва муассисаҳо пайдошударо баррасӣ ва ҳал мекунад. **3**. А.-и байналмилалӣ – суди байналмилалии ҳакамӣ барои хушӣ ба хушӣ ҳал кардани масъалаҳои баҳсноке, ки дар байни давлатҳо пайдо шудаанд. **4**. А.-и асъорӣ (валютӣ) – аз як бозори расмии асъор харидани асъори хориҷӣ ё коғазҳои қиматбаҳо ва бо нархи гаронтар фурӯхтани онҳо дар бозори дигар бо мақсади гирифтани фоида.

**АРБОВИ́РУСҲО,** [< англ. arthropod borne viruses]. Гурӯҳи вирусҳои РНК-дор, ки аз буғумпойҳои хунмак (канаҳо, пашшаҳо) ба одам гузашта, боиси бемории вараҷа ва дигар бемориҳои арбовирусӣ мегарданд.

**АРБОЛИ́Т,** [лот. arbor дарахт + … *лит*]. Яке аз намудҳои бетони сабук, ки аз омехтаи пуркунандаҳои органикӣ (мас., аррамайда, қамиш) ва моддаҳои минералии часпак (одатан портландсемент) тайёр карда мешавад; барои сохтани девори иморатҳои камошёна ба кор меравад.

**АРБОРЕ́ТУМ,** [лот. arboretum дарахтзор, ниҳолзор]. *бот.* Боғи ботаникие, ки дар он бо мақсади гузарондани таҷрибаю озмоишҳои илмӣ дарахту буттаҳои гуногун парвариш карда мешаванд; *дендрарий* низ гӯянд.

**АРБОРИСИ́ДҲО,** [лот. arbor дарахт + caedo мекушам]. Доруҳои химиявӣ (*гербитсидҳо*) барои нест кардани буттаю дарахтҳои бегона ва нолозим.

**АРГА́Л,** [муғ. argal]. Таппак; саргини хушки чорво, ки дар маҳалҳои бедарахти Осиё чун сӯзишворӣ истифода бурда мешавад.

**АРГЕНТИ́НА,** [< лот. argentum нуқра]. Моҳии баҳрӣ аз қатори озодмоҳиҳо, ки дарозиаш то 0,6 м мерасад (12 намуд).

**АРГЕНТИ́Т,** [< лот. argentum нуқра]. *маъд.* Минерали дорои омехтаҳои сулфиди нуқра, оҳан, мис, сурб, ки аз он нуқра ҳосил мекунанд.

**АРГИЛЛИ́Т,** [< юн. argillos гил + lithos санг]. *маъд.* Гилсанг; ҷинси таҳшиншудаи кӯҳӣ, ки дар натиҷаи сахт, беоб ва хушк шудани гил пайдо мешавад; обро ба худ намекашад.

**АРГИЛЛОФИ́ЛҲО,** [< юн. argillos гил, лой + phileo дӯст медорам]. *зоол.* Организмҳои обие, ки асосан дар лой зиндагӣ мекунанд.

**АРГИНИ́Н,** [англ. arginine]. *биол.* Аминокислотаи алифатӣ, ки дар организм ҳам дар шакли озод ва ҳам дар таркиби сафедаҳо (хусусан дар таркиби *протаминҳо*) вуҷуд дорад; дар синтези *карбамид* ва дигар равандҳои мубодилаи азот (*нитроген*) иштирок мекунад.

**АРГО́,** [фр. argot]. *збш.* **1**. Дар аввал забони дуздонро чунин меномиданд. **2**. Баъдтар нутқи гурӯҳҳои иҷтимоӣ ё касбӣ, ки бо маҷмуи хоси калимаю ифодаҳо, баъзан бо талаффузи хоси худ фарқ мекунад ва на ба ҳамаи соҳибони забон фаҳмо аст. || Мқс. жаргон, линго.

**АРГО́Н,** [лот. Argon < юн. argos нофаъол, камҳаракат]. *хим.* Элементи химиявӣ аз гурӯҳи VIII системаи даврӣ (Ar); гази инертии берангу бебӯй, ки барои пур кардани чароғҳои барқӣ ва найчачароғҳои рекламавӣ истифода бурда мешавад (нури кабудчатоб меафканад). || Мқс. гелий, криптон, неон.

**АРГОНА́ВТҲО,** [юн. Argonautai < Argo (номи киштӣ) + nautai баҳрнавардон]. **1**. Қаҳрамонони Юнони қадим, ки гӯё бо киштии «Арго» ба сӯи соҳилҳои Колхида барои пӯсти тиллоии гӯсфанди сеҳрнок шино кардаанд. **2**. *маҷ.* Баҳрнавардони ҷасур ва моҷароҷӯй. **3**. *зоол.* Ҷинси моллюскҳои шикампо аз гурӯҳи ҳаштпоҳо, ки модинаашон назар ба нарина чандин маротиба калонтар аст; дар баҳрҳои гарм зиндагӣ мекунанд.

**АРГОТИ́ЗМҲО,** [фр. argotisme]. *збш.* Калимаю ибораҳое, ки ба забони адабӣ аз лаҳҷаҳо ва жаргонҳои гуногун дохил шудаанд; барои табиӣ баромадани нутқи персонажҳо кор фармуда мешаванд.

**АРГУМЕ́НТ,** [лот. argumentum]. **1**. Далели мантиқӣ, ки барои исботи даъво ё фикре хизмат мекунад; **2**. *мат.* Бузургии тағйирёбандаи мустақил, ки тағйир ёфтани бузургиҳои (*функсияҳои*) дигар ба тағйирёбии он вобаста аст.

**А́РГУС,** [лот. Argus]. **1**. Дар асотири юнониёни қадим – посбони қавипайкаре, ки дар баданаш чашмҳои бисёр дошт ва бо фармони малика Юнона маъшуқаи Зевс – Иои ба гов табдилдодашударо посбонӣ мекард. **2**. *маҷ.* Посбони зираку ҳушёр. **3**. *зоол.*

Паррандае аз ҷинси мурғҳои даштӣ, ки дар баданаш доғҳои бисёри чашммонанд дорад; дар ҷангалҳои Осиёи Ҷанубӣ-Шарқӣ зиндагӣ мекунад.

**АРҒУНУ́Н,** [< юн. organon асбоб]. Асбоби мусиқии калон, ки аз маҷмуи найчаҳои овозбарор, насосҳои ҳавоӣ, дастаҳои регистрӣ ва *клавиатураҳои* дастӣ ва поӣ иборат аст; А. аз рӯи ҳаҷми овоз ба оркестри симфонӣ баробар мебошад; мувофиқи баъзе ривоятҳо, А.-ро Афлотун ихтироъ карда будааст.

**АР ДЕКО́,** [фр. art deco санъати ороиш]. Услуби эҷодиёти декоративӣ-ороишӣ ва дизайн, ки хусусиятҳои конструктивизм ва навпардозиро (*мудернро*) муттаҳид намудааст; барои оро додани толорҳои бодабдаба, либос, инчунин дар санъати заргарӣ истифода мешавад.

**АРДЕ́Н,** [< фр. Ardennes]. Ҷинси аспи тавоною пурбардошт, ки аввалин маротиба дар музофоти Ардени Белгия ба вуҷуд оварда шудааст ва номаш аз ҳамин ҷост.

**АРЕА́Л,** [< лот. area майдон, фазо]. Минтақаи паҳншавии ин ё он намуди ҳайвонот, наботот, сарватҳои зеризаминӣ ва ғ.

**АРЕАЛО́ГИЯ, ,** [< лот. area майдон, фазо + *…логия*]. Соҳаи биология, ки минтақаҳои паҳншавии (*ареали*) ин ё он намуди ҳайвонот, наботот, сарватҳои зеризаминӣ ва ғ.-ро меомӯзад; *хорология* низ гӯянд.

**АРЕ́КА,** [лот. Areca]. *бот.* Навъи дарахти нахл, ки баргҳои паршакл дорад; дар мамлакатҳои гарм (аз Ҳиндустон то Гвинеяи Нав) мерӯяд; баъзе намудҳои онро дар гармхонаҳо (*оранжереяҳо*) парвариш мекунанд ва тухми онро дар байторӣ (барои нест кардани кирми рӯдаю меъда) ба кор мебаранд.

**АРЕ́НА,** [лот. arena рег]. **1**. Майдони регпӯш дар амфитеатрҳои Рими қадим, ки дар он ҷанги *гладиаторҳо*, мусобиқаи паҳлавонҳои аробасавор, ҷанг бо ҳайвоноти ваҳшӣ, қатли ҷинояткорон ва тамошоҳои дигар барпо мешуданд. **2**. Майдони даврашакли диаметраш 13 м барои намоишҳои сиркӣ. **3**. Майдони мусобиқаҳои варзишӣ. **4**. *биол.* А.-и ҳаёт – маҷмуи манотиқи кураи замин, ки дар он барои зиндагии организмҳо шароитҳои мувофиқ вуҷуд доранд. **5**. *маҷ.* Ҷабҳа, арса, соҳаи фаъолият.

**АРЕОГРА́ФИЯ,** [< юн. Ares Миррих +… *графия*]. Тасвири сатҳи сайёраи Миррих.

**АРЕО́ЛА,** [< лот. areola майдонча]. Даврачаи қаҳваранг, гулобиранг ё сурхчаранги гирди пистон ё захм.

**АРЕОЛО́ГИЯ,** [< юн. Ares Миррих +… *логия*]. Миррихшиносӣ; соҳаи сайёрашиносӣ, ки сайёраи Миррихро тадқиқ мекунад.

**АРЕО́МЕТР,** [< юн. araios моеъ + metreo чен мекунам]. *физ.* Асбоб барои чен кардани зичии (ғализии) моеъ ё фоизи моддаҳои дар он ҳалшуда.

**АРЕОПА́Г,** [< юн. Areios pagos теппаи Арей]. **1**. Мақоми олии ҳокимияти судӣ ва сиёсӣ дар Афинаи қадим, ки аз аъзои якумрӣ – намояндагони табақаҳои ашроф иборат буд (маҷлисҳои худро дар теппаи Арей мегузаронд ва номаш аз ҳамин ҷост). **2**. Ҷамъомади шахсони обруманд ва бонуфуз барои ҳалли ягон масъала.

**АРЕ́С,** [юн. Ares]. Худои ҷанг дар асотири юнониёни қадим, чӣ тавре ки Миррих (Марс) дар асотири римиён.

**АРЕФЛЕ́КСИ́Я,** [< *а...* + *рефлекс*]. *тиб.* Вуҷуд надоштани рефлекс; берефлексӣ.

**АРИА́ДНА,** [юн. Ariadne]. Дар асотири юнониёни қадим – духтари подшоҳи Крит Минос; ба қаҳрамони Афина Тисей ёрӣ расонд, ки ба воситаи калобаи ришта аз ғори печдарпеч барояд; ибораи «р и ш т а и  а р и а д н а» аз ҳамин ҷост, яъне он чизе, ки барои баромадан аз вазъияти мураккаб ёрӣ мерасонад.

**АРИДНӢ,** [< лот. aridus хушк]. И қ л и м и  А. – иқлими гарми хушк ва камбориш; бештар ба биёбонҳо ва нимбиёбонҳо хос аст; р а с т а н и ҳ о и  А. – растаниҳое, ки дар ҷойҳои дорои чунин иқлим мерӯянд; растаниҳои гармидӯст ва хушкидӯст.

**АРИЕ́ТТА,** [ит. arietta]. *мус.* Арияи хурди осонхон.

**АРИО́ЗО,** [ит. ariozo]. *мус.* Дар мусиқии операвии асри 19 – арияи хурде, ки барои яккахонӣ (соло) навишта шудааст.

**АРИСТЕ́Й,** [< юн. aristos беҳтарин]. Дар асотири юнонӣ – худое, ки заминҳоро аз жола, хушксолӣ ва офатҳои дигар нигаҳбонӣ мекунад, инчунин ҳимоятгари рамаҳо ва наҷотбахши мусофирони раҳгумзада; мувофиқи ривоят, маҳз А. ба одамон занбӯрпарварӣ, ангурпарварӣ ва зайтунпарвариро ёд додааст.

**АРИСТОГЕНЕ́З,** [< юн. aristos беҳтарин]. *биол.* Таълимот дар бораи он ки эволютсия бе иштироки интихоби табиӣ ва новобаста аз муҳити атроф танҳо бо таъсири ангезаҳои эҷодии дохилӣ – аристогенҳо ҷараён меёбад. || Мқс. автогенез.

**АРИСТОКРА́Т,** [< юн. aristos беҳтарин + kratos ҳокимият]. Узви табақаи аъёну ашроф, асилзода.

**АРИСТОКРА́ТИЯ,** [< юн. aristos беҳтарин + kratos ҳокимият]. **1**. Табақаи имтиёзноки ашрофу асилзодагон. **2**. Сохти давлатдорӣ дар Юнони Қадим – ҳокимиятро идора намудани ашрофу асилзодагон.

**АРИСТО́Н,** [< юн. aristos беҳтарин]. *мус.* Асбоби мусиқии механикии қуттишакл. || Мқс. шарманка.

**АРИТМИ́Я,** [< юн. arrythmie номураттабӣ]. **1**. Номавзунӣ; берабтӣ. **2**. *тиб.* Номураттаб (номавзун) задани дил (*брадикардия*); тез-тез задани дил (*тахикардия*); бештар дар натиҷаи бемории мушакҳои дил, невроз, заҳролудшавӣ аз алкогол ё никотин пайдо мешавад.

**АРИФМЕ́ТИКА,** [юн. arithmetike < arithmos адад]. *мат.* Як қисми математика, ки хусусиятҳои оддитарини ададҳо ва иҷрои амалҳо бо онҳо, пеш аз ҳама ададҳои том (бутун) ва касрҳоро меомӯзад.

**АРИФМО́МЕТР,** [< юн. arithmos адад + *метр*]. Асбоби ҳисоббарор; асбоб барои иҷро кардани амали ҳисоб; дар нимаи дуюми асри 20 ҷойи онро микрокалкулятори электронӣ гирифт.

**А́РИЯ,** [ит. aria суруд]. **1**. Дар *опера, оперетта, оратория* ё *кантата* – суруде, ки онро як кас бо ҳамоҳангии оркестр мехонад. ‖ Мқс. ариетта, ариозо. **2**. Пйесаи мустақили оҳангноки созӣ ё овозӣ.

**АРК...,** [лот. arcus камон]. *мат.* Пешванде, ки ба номҳои функсияҳои мустақили тригонометрӣ: *синус, косинус, тангенс, котангенс, секанс* ва *косеканс* илова шуда, ба функсияҳои тригонометрӣ номҳои дахлдори баръакс медиҳад: арксинус, арккосинус, арктангенс, арккотангенс, арксеканс ва арккосеканс; ҳар кадоми ин функсияҳои баръакс камон ё кунҷеро ифода мекунад, ки ба ҳамон қимати функсияи мустақим мувофиқ аст.

**А́РКА,** [ит. arco < лот. arcus камон]. *меъм.* Равоқ; тоқ; дарвоза, дар ё тирезаи қисми болояш камоншакл.

**АРКА́ДА,** [фр. arcada]. *меъм.* Қатори равоқҳои якхела, ки дар болои пояҳо ё сутунҳо ҷой гирифтаанд.

**АРКА́ДИЯ,** [юн. Arkadia]. **1**. Музофоти кӯҳӣ дар қисми марказии Пелопоннес (Юнони Қадим), ки дар он асосан деҳқонон, чӯпонон ва шикорчиён зиндагӣ мекарданд; дар адабиёти аҳди атиқа чун мамлакати биҳиштӣ тасвир шудааст. **2**. *маҷ.* Кишвари пурфайзу баракат; сарзамини биҳиштӣ; ҳаёти беғам.

**АРКА́Н,** [тур.]. Каманд; арғамчине, ки нӯгаш ҳалқадавак дошта, барои гирифтани сайд ё душман истифода мешавад.

**АРКАТУ́РА,** [< лот. arcus камон]. *меъм.* Қатори равоқҳои хурд, ки барои оро додани деворҳо хизмат мекунанд.

**АРКЕБУ́ЗА,** [фр. arquebuse]. Милтиқи пилтагӣ, ки аз даҳони милаш оташ дода мешуд.

**А́РКТИКА,** [< юн. arktikos шимолӣ]. Минтақаи қутби шимоли кураи Замин, ки канорҳои қитъаҳои Авруосиё, Амрикои Шимолӣ ва қариб тамоми Уқёнуси яхбастаи шимолиро бо тамоми ҷазираҳояш (ғайр аз ҷазираҳои баҳри Норвегия), инчунин қисмҳои ҳамҳудуди уқёнусҳои Атлантика ва Оромро дар бар мегирад. Масоҳаташ 27 млн км$^2$.

**АРЛЕКИ́Н,** [ит. arlecchino]. **1**. Дар аввал персонажи гӯлу сода дар мазҳакаи итолиёвии *дел-арте*. **2**. Баъдтар дар худи ҳамин мазҳака – хизматгори шӯху айёр дар либоси пур аз секунҷаҳои ранга. **3**. Пардаи моҳуте, ки пештоқи саҳнаро оро медиҳад. **4**. *маҷ.* Масхарабоз, ширинкор.

**АРЛЕКИНИА́ДА,** [ит. arlecchinata]. **1**. Саҳначаи хурди ҳаҷвӣ, ки дар он *Арлекин* ва дигар персонажҳои мазҳакаи ниқобпӯшон иштирок мекунанд. **2**. Жанри машҳури мазҳакавии театри сайёр (асри 18) дар Фаронса. **3**. Масхарабозӣ, ширинкорӣ.

**АРМА́ДА,** [фр. armada]. **1**. Гурӯҳҳои калони ҳавопаймоҳо, киштиҳо ё танкҳо, ки бо маслиҳати пешакӣ якҷоя амал мекунанд. **2**. *маҷ.* Ягон чизи ҳамлавари сершумор, азим ва бадҳайбат.

**АРМА́ТОР,** [лот. armator]. Соҳиби киштӣ; шахсе, ки киштии баҳриро истифода мебарад, сарфи назар аз он ки киштӣ аз рӯйи ҳуқуқи моликият азони ӯст ё не; А. киштиро ба сафар тайёр мекунад, бо воситаҳои даркорӣ таъмин менамояд, экипажро киро ва капитанро ба кор даъват мекунад.

**АРМАТУ́РА,** [лот. armature таҷҳизот, лавозимот]. **1**. Қолиб; оҳанбаст; басти пӯлодини биноҳои оҳану бетонӣ. **2**. Асбоб ва воситаҳои нисбатан хурде, ки ба ягон таҷҳизот насб карда шудаанд. **3**. Варақа ё феҳристи (рӯихати арматурии) ҳар як хизматчии ҳарбӣ, ки дар он чизу чораи ба вай додашуда навишта мешавад.

**А́РМИЯ,** [< лот. armo мусаллаҳ мекунам]. **1**. Маҷмуи қувваҳои мусаллаҳи ягон давлат; ба маънои тангаш – қувваҳои мусаллаҳи хушкигард. **2**. Иттиҳодияи ҳарбие, ки аз якчанд *корпус, бригада* ё *дивизия* таркиб ёфтааст. **3**. Гурӯҳи калони одамоне, ки онҳоро ягон аломати умумӣ муттаҳид менамояд, мас., А.-и муборизони сулҳ, А.-и бекорон ва ғ.

**АРМРЕ́СТЛИНГ,** [англ. < arm даст + wrestling қувваозмоӣ]. *варз.* Дастхобонӣ; дастхобонак; як намуди мусобиқаи варзишӣ – ба рӯйи миз пахш карда хобондани дасти якдигар.

**А́РНИКА,** [лот. Arnica]. *бот.* Ҷинси алафҳои бисёрсола аз оилаи мураккабгулҳо (зиёда аз 30 намуд); дар Амрикои Шимолӣ ва Авросиё мерӯяд; баъзе намудҳои онро дар тиб чун доруи талхарон ва манъкунандаи хун истифода мебаранд.

**АР НУВО́,** [фр. art nouveau санъати нав]. Номи дар Ғарб маъмулшудаи услуби «модерн» («замонавӣ», «нав»).

**АРО́ИДИҲО, АРО́ННИКҲО,** [лот. Araceae]. *бот.* Оилаи алафҳои бисёрсолаи заминӣ ва обӣ (зиёда аз 2000 намуд); дар минтақаҳои гарм ва муътадил мерӯянд; дар муғчаю баргҳояшон оксалати калсий доранд, бинобар ин баъзе намудҳои онҳоро барои муолиҷаи тарбод истифода мебаранд).

**АРОМОРФО́З,** [< юн. airo мебардорам + morphosis шакл, намуд]. *биол.* Тағйирёбии организми ҳайвонот дар натиҷаи мутобиқшавии онҳо ба шароитҳои тағйирёбандаи зист. || Мқс. алломорфоз, дегенератсия, идиоадаптатсия, редуксия.

**АРО́НИЯ,** [лот. Aronia]. *бот.* Растании буттагӣ аз оилаи садбаргҳо (тақр. 15 намуд); дар минтақаҳои муътадили Амрикои Шимолӣ мерӯяд; баъзе намудҳои онро чун растании ороишӣ ва мевадиҳанда парвариш мекунанд.

**АРРЕНОТОКИ́Я,** [< юн. arrhen нарина + tokos насл]. *биол.* Нариназоӣ; дар насл пайдо шудани фақат ҷинси нарина (дар баъзе ҳашаротҳо мушоҳида карда мешавад).

**АРРЕТИ́Р,** [фр. arreter боздоштан]. *тех.* Асбоби механикӣ барои боздоштан ва дар ҳолати ғайрикорӣ нигоҳ доштани қисмҳои ҳассоси таҷҳизоти ченкунанда (тарозу, *галванометр* ва ғ.) бо мақсади аз вайроншавӣ муҳофизат кардани он ҳангоми таконхӯрӣ.

**АРРО́БА,** [исп. arroba]. Дар мамлакатҳои Амрикои Лотинӣ – андозаи вазн баробари аз 10 то 15 кг; андозаи ҳаҷм – аз 12,6 то 40 л.

**АРРО́ЗИЯ,** [лот. arrosus]. *тиб.* Харобшавии (пажмурдашавии) бофтаю рагҳо ҳангоми пайдо шудани захм ё варам дар ягон узв.

**АРРОРУ́Т,** [англ. arrowroot]. Орди оҳарӣ (крахмалӣ), ки аз бех ё меваи баъзе растаниҳо (банан, маниока, тапиока ва ғ.) гирифта мешавад; аз рӯйи хусусиятҳои ғизоии худ ба оҳари картошка монанд аст; дар саноати хӯрокворӣ ва бофандагӣ истифода мебаранд.

**АРС А́НТИКВА,** [лот. ars antiqua санъати кӯҳна]. *мус.* Мусиқии франсавӣ ва италиёвӣ то оғози асри XIV; бештар суруду оҳангҳои калисоиро дар бар мегирифт, ки бо миқдори маҳдуди асбобҳои мусиқӣ иҷро карда мешуданд; баъдтар ҷойи онро *арс нова* – санъати нав гирифт.

**АРСЕНА́Л,** [фр. arsenal]. **1**. То асри XX корхонаи истеҳсол, таъмир ва нигоҳдории аслиҳа, тир ва лавозимоти ҳарбӣ. **2**. Қӯрхона; анбори аслиҳа, тир ва лавозимоти ҳарбӣ. **3**. *маҷ.* Миқдори зиёди ягон чиз; захираи калони ягон чиз.

**АРСЕНА́ТҲО,** [< лот. Arsenicum марги муш]. *хим.* Намакҳои кислотаи марги муш. || Мқс. арсенидҳо.

**АРСЕНИ́ДҲО,** [< лот. Arsenicum марги муш + eidos намуд]. *хим.* Пайвасти химиявии марги муш бо элементҳои дигар, мас., бо металлҳо; ба сифати нимноқилҳо истифода бурда мешаванд. || Мқс. арсенатҳо.

**АРСЕ́НИКУМ,** [< лот. Arsenicum]. *хим.* Номи лотинии марги муш; дар адабиёти илмӣ одатан бо ҳамин ном маъруф аст.

**АРСЕНОПИРИ́Т,** [*арсеникум* + *пирит*]. *маъд.* Минерали хокистарранг, сулфиди оҳан ва марги муш (FeAsS) бо омехтаи тилло, кобалт ва никел; барои истихроҷи марги муш, баъзан тилло ва кобалт истифода мешавад.

**АРСИ́Н,** [< лот. Arsenicum]. *хим.* Пайвасти марги муш бо гидроген; гази беранги заҳролуд ($AsH_3$); бӯяш ба бӯйи сирпиёз монанд аст; барои ошкор намудани миқдори ниҳоят ками марги муш, мас., дар тафтишоти судию тиббӣ истифода мешавад.

**АРС НО́ВА,** [лот. ars nova санъати нав]. *мус.* Равияи пешқадам дар мусиқии франсавӣ ва италиёвии асри XIV; бар хилофи *арс антиква* аз истифодаи мусиқии соф калисоӣ даст кашида, ба жанрҳои созию овозии дунявӣ рӯ оварда буд. || Мқс. арс антиква.

**АРТ-...**, [анл. art санъат, фарҳанг]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки бо санъат, фарҳанг, эҷоди бадеӣ робита доштани қисми дуюми калимаро ифода мекунад, мас., арт-академия, арт-галерея, арт-директор.

**...-АРТ**, [анл. art санъат, фарҳанг]. Қисми дуюми калимаҳои мураккаб, ки бо санъат, фарҳанг, эҷоди бадеӣ робита доштани қисми аввали калимаро ифода мекунад, мас., веб-арт, интернет-арт, медиа-арт.

**АРТ-БИ́ЗНЕС,** [< *арт…* + *бизнес*]. Фаъолияти тиҷоратие, ки бо ташкил ва гузарондани намоишҳо, намоишҳои театрӣ ва диг. чорабиниҳои фарҳангӣ алоқаманд аст.

**АРТ-ДИ́ЛЕР**, [< *арт…* + *дилер*]. Миёнарав, даллол дар хариду фурӯши асарҳои санъат.

**АРТ-ДИРЕ́КТОР**, [< *арт…* + *директор*]. Шахсе, ки ба услуб ва ҷанбаҳои бадеии кори агентии реклама, намоишгоҳ, ширкати телевизионӣ, театр ва ғ. мутасаддӣ аст.

**АРТЕЗИАНӢ,** [< фр. artesian аз номи музофоти Артуаи Франсия, ки дар он ҷо обҳои зеризаминӣ аз замонҳои қадим истифода мешуданд]. Оби артезианӣ – оби зеризаминие, ки дар зери фишор қарор дорад; чоҳи чуқуре, ки обаш бо фишори худи он ҷорӣ мешавад ё фаввора мезанад.

**АРТЕ́Л (АРТЕ́ЛЬ),** [фр. artel]. Иттиҳодияҳои ихтиёрии косибон, ҳунармандон ва ғ. бо мақсади фаъолияти якҷоя, мас., артели дӯзандагон. || Мқс. кооператив, кооператсия.

**АРТЕМИ́ДА,** [юн. Artemis (Artemidos)]. Дар асотири юнониёни қадим – олиҳаи бокира, афифа, духтари Зевс ва Лето, хоҳари Аполлон; нигаҳбони рамаҳову мурғони ҳаво; олиҳаи Моҳ; ҳимоятгари шикор ва занҳои таваллудкунанда; бо камону тирҳо, баъзан бо моҳи ҳилол дар болои сар тасвир карда мешавад; дар асотири римиёни қадим ӯро *Диана* гӯянд. || Мқс. Селена.

**АРТЕРИАЛӢ, АРТЕРИЯВӢ,** [< *артерия*]. Мансуб ба шоҳраг (*артерия*). Фишори А. – фишори хун дар шоҳрагҳо.

**АРТЕРИИ́Т,** [< *артерия*)]. *тиб.* Варами деворҳои шоҳраг (*артерия*). || Мқс. артериосклероз, атеросклероз, эндартериит.

**АРТЕРИО́ЛҲО,** [< *артерия* + лот. alveolus новача]. Шохачаҳои нӯги шоҳрагҳо (*артерияҳо*), ки ба капиллярҳо мепайванданд.

**АРТЕРИОСКЛЕРО́З,** [< *артерия* + *склероз*]. *тиб.* Тасаллуби шоҳрагҳо; чандирии худро гум кардани шоҳрагҳо; сахту дағалшавии онҳо ва дар натиҷа танг шудани сӯрохиашон.

**АРТЕ́РИЯ,** [юн. arteria]. **1**. Шоҳраг; шарён; сурхраг; раге, ки хунро аз тарафи дил ба тамоми аъзои бадан ва ҳуҷайраҳо мебарад. **2**. *маҷ.* Шоҳроҳ; роҳҳои муҳими нақлиёт – роҳи оҳан, дарёҳои киштигард, роҳҳои мошингард ва ғ.

**АРТЕФА́КТ,** [лот. arte сунъӣ + factus сохташуда]. **1**. *биол.* Раванд ё чизе, ки ба объекти таҳқиқшаванда хос набуда, одатан бо таъсири худи шароитҳои таҳқиқ пайдо мешавад; мас., ҳангоми тасбити доруи *гистологӣ* дар ҳуҷайраҳо дар натиҷаи *коагулятсияи* сафедаҳо мумкин аст таҳшинҳо пайдо шаванд. **2**. Ашёе, ки инсон сохтааст (тайёр кардааст, офаридааст).

**АРТИ́КЛ (АРТИ́КЛЬ),** [фр. article < лот. articulus]. *збш.* Дар баъзе забонҳо ҳиссачае, ки ба исм илова шуда, мансубияти ҷинсӣ, муайян ва номуайянии калима ва маъноҳои

дигарро ифода мекунад; дар баъзе забонҳо (мас., дар забони англисӣ) артикл тағйир намеёбад, дар забонҳои дигар бошад (мас., дар забони олмонӣ) аз рӯйи ҷинс, сиға ва шумора тағйир меёбад; А. метавонад вазифаи пасванд (мас., дар забони булғорӣ) ва пешвандро (мас., дар забони иврит) иҷро кунад.

**АРТИ́КУЛ,** [лот. articulus фасл, модда]. **1**. Низомномаи ҳарбию ҷиноятие, ки соли 1715 Пётри I тартиб дода буд. **2**. Моддаи қонун ё санади расмӣ. **3**. Хели маснуот, мол, аломати рақамӣ ё ҳарфии он.

**АРТИКУЛЯ́ТСИЯ (АРТИКУЛЯ́ЦИЯ),** [лот. articulatio < articulare фаҳмо талаффуз кардан, талаффузи бурро]. **1**. *збш*. Кори узвҳои нутқ (лаб, забон, садопарда) ҳангоми овозбарорӣ; талаффузи буррову равшан. **2**. *анат*. Пайванд, банд, буғум. **3**. *мус*. Тарзи иҷрои қатори пасиҳами садоҳо ба воситаи асбоби мусиқӣ; намудҳои асосии А.: *легато, стаккато, портаменто, глиссандо*.

**АРТИЛЛЕ́РИЯ,** [фр. artillerie]. **1**. Навъи қӯшуни ҳарбӣ, ки аслиҳаи асосии он тӯп (*пушка, гаубитса, миномёт*) мебошад; ба ҳавоӣ (авиатсионӣ), баҳрӣ (киштигӣ), рӯйизаминӣ (пиёдагард) ва зенитӣ ҷудо мешавад. **2**. Маҷмуи ярокҳои оташфишон. **3**. Илм дар бораи сохт, хусусиятҳо ва тарзи истифодаи силоҳҳои артиллерӣ.

**АРТИ́СТ,** [фр. artiste < лот. ars санъат]. **1**. Иҷрокунандаи нақшҳо; *актёр* низ гӯянд; иштирокчии намоишҳои драмавӣ, сиркӣ, эстрадӣ, мусиқӣ. **2**. Ба маънои васеаш – эҷодкор дар ягон соҳаи санъат; ҳунарпеша; ҳунарманд; санъаткор. **3**. *маҷ*. Шахсе, ки дар ягон намуди фаъолият маҳорати калон пайдо кардааст.

**АРТИШО́К,** [ол. Artishocke < ит. articiocco]. *бот*. Растании бисёрсола аз оилаи мураккабгулҳо (зиёда аз 10 намуд); баландиаш то 2 м; дар тайёр кардани хӯроку хуришҳои гуногун ба кор меравад.

**АРТОТЕ́КА**, [ол. Artothek]. Муассисае, ки асарҳои санъатро муваққтан ба шахсони алоҳида медиҳад.

**АРТРАЛГИ́Я,** [< юн. arthron буғум + algos дард]. *тиб*. Буғумдард; дарди буғумҳо, ки дар натиҷаи бемориҳои гуногун пайдо мешавад.

**АРТРИ́Т,** [< юн. arthron буғум]. *тиб*. **1**. Варами буғум; бо дард, сурхшавии пӯст, маҳдудшавии ҳаракати буғум ва тағйирёбии шакли он зоҳир мегардад. **2**. Ба маънои васеаш – ҳама гуна бемориҳои банду буғумҳо. || Мқс. артроз, подагра, гонит, полиартрит.

**АРТРО...,** [< юн. arthron буғум]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки ба буғум робита доштанро ифода мекунад, мас., *артрология*, *артротомия*.

**АРТРОДЕ́З,** [< юн. arthron буғум + desis бастан]. *тиб*. Буғумбандӣ; бастан ва пурра маҳдуд намудани ҳаракати буғум бо мақсади муолиҷа.

**АРТРО́З,** [< юн. arthron буғум]. *тиб*. Беморӣи музмини буғумҳо дар натиҷаи вайрон шудани мубодилаи моддаҳо. || Мқс. артрит, подагра, гонит, полиартрит.

**А́РТ-РО́К,** [англ. art rock]. *мус*. Мусиқии рок бо унсурҳои мусиқии қадима, классикӣ ва муосири камеравӣ ва синфонӣ.

**АРТРОЛО́ГИЯ,** [< *артро…* + *… логия*]. *тиб.* Буғумшиносӣ; соҳаи тиб, ки бемориҳои буғум ва роҳҳои муолиҷаю пешгирии онҳоро таҳқиқ мекунад. || Мқс. остеология, синдесмология.

**АРТРОПЛА́СТИКА,** [< *артро…* + *… пластика*]. *тиб.* Ҷарроҳии пластикӣ бо мақсади барқарор намудани ҳаракати буғумҳо.

**АРТРОПО́ДҲО,** [< юн. arthron буғум + podos пой]. *зоол.* Буғумпойҳо (1-3 млн намуд); дар об, ҳаво, рӯйи замин ва дар зери хок зиндагӣ мекунанд.

**АРТРОТОМИ́Я,** [< *артро…* + *… томия*]. *тиб.* Ҷарроҳӣ бо мақсади кушодани (чок кардани) буғумҳо. || Мқс. остеотомия.

**А́РТҲА,** [*санск.*]. Дар дини ҳиндуия – яке аз чаҳор принсипи асосии ҳаёти дуруст дар баробари дҳарма, кама ва мокша.

**А́РФА,** [ол. Harfe]. **1**. *мус.* Уд; чанг; барбат; як навъ асбоби мусиқии секунҷаи чангмонанд, ки бо нохун навохта мешавад. **2**. Мошини тозакунанда ва ба навъҳо ҷудокунандаи (саракунандаи) ғалла.

**АРХАИ́ЗМ,** [< юн. archaios қадим]. **1**. *збш.* Калима ё ибораи қадимае, ки аз истеъмол баромадааст. **2**. Ақида ва урфу одати замонҳои гузашта.

**АРХА́ИКА,** [юн. archaikos қадим, кӯҳна]. **1**. Марҳалаи аввали инкишофи ягон ҳодиса ё раванд; дар санъатшиносӣ – давраи аввали инкишофи меъморӣ ва санъати тасвирии Юнони Қадим ва Миср. **2**. Кӯҳна, қадимӣ, бостонӣ, мансух

**АРХАИ́СТИКА,** [< юн. archaios қадим]. *санъ.* Тақлид ба сабку услуби қадим.

**АРХАИСТӢ,** [< юн. archaios қадим]. Қадим, бостонӣ, кӯҳнашуда, мансух.

**АРХА́НГЕЛҲО,** [< юн. archaggelos]. Малоики муқарраб; дар динҳои яҳудӣ ва насронӣ – ҳашт малаки олӣ:

**АРХА́НТРОПҲО,** [< юн. archaios қадим + anthropos одам]. Номи умумии питекантропҳо, синантропҳо ва дигар одамони қадимтарин. || Мқс. австралопитек, неандарталетс, неоантроп, парапитек.

**АРХЕГО́НИЙ,** [< юн. arche оғоз, ибтидо + gone таваллуд]. *бот.* Узви таносули модинаи баъзе растаниҳо (лучтухмҳо, ушнашаклҳо, фарншаклҳо ва ғ.).

**АРХЕ́Й,** [< юн. archaios қадим]. Қарни қадимтарин дар таърихи геологии Замин; *археозой* низ гӯянд; такр. 2,6 млрд сол пеш ба охир расида буд.

**АРХЕО…,** [< юн. archaios қадим]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки маънои қадим, қадимиро ифода мекунад, мас., *археология*, *археография*.

**АРХЕОГРА́ФИЯ,** [< *архео… + …графия*]. Фасли илми таърих, ки бо ҷамъоварӣ, омӯзиш, тавсиф, тафсир ва нашри осори хаттии қадима машғул аст. || Мқс. палеография, папирология.

**АРХЕОЛОГИ́ЗМ,** [< *археология*]. Равияе дар санъати тасвирии охири асри XX Олмон, ки ангораҳои этнографӣ ва бостониро инъикос мекунад.

**АРХЕО́ЛОГИЯ,** [< *архео… + …логия*]. Бостоншиносӣ; илме, ки тарзи зиндагонӣ, фарҳанг ва урфу одати халқҳои қадимро бо роҳи аз зери замин кофта баровардани ҳар гуна ашёи қадима (олоти меҳнат, асбоби рӯзгор, аслиҳа ва ғ.) меомӯзад.

**АРХЕОМЕ́РИКС,** [< *архео…* + юн. meryx гавазн]. *пал.* Қадимтарин ҳайвони кавшакунанда, ки ҳаҷман баробари баррача буда, дар давраи *эотсен* зиндагӣ кардааст.

**АРХЕОПТЕ́РИКС,** [< *архео…* + юн. pteryx бол]. *пал.* Қадимтарин паранда аз зерсинфи сусмордумҳо, ки ҳаҷман баробари акка буда, дар давраи *юра* зиндагӣ мекард; аз рӯйи бисёр аломатҳо (минқори дандондор, чангол дар нӯги болҳо, думи дароз) ба хазандаҳо монандӣ дошт.

**АРХЕОПТЕ́РИС,** [< *архео…* + юн. pteris фарн]. *бот.* Растании фарншакли қадимтарин, ки аз давраи *девон* то давраи *карбон* вуҷуд дошт.

**АРХЕТИ́П,** [< юн. *архео…* + юн. arche ибтидо, мабдаъ typos намуна]. **1**. *фал.* Шакл, намунаи ибтидоӣ; дар фалсафаи К. Г. Юнг (1875-1961) архетипҳо – унсурҳои сохтории мабдаи бешууронаи коллективӣ, ки асоси ҳамаи равандҳои рӯҳиро ташкил медиҳанд. **2**. Матни қадимтарини ба мо номаълуме, ки ҳамаи матнҳои боқимондаи осори хаттӣ аз он ибтидо меёбанд. **3**. *збш.* Шакли ибтидоии забон, ки баъдтар тағйир, таҷдид ва такмил ёфтааст, мас., калимаи ҳиндуаврупоии «матер» (модар) дар забони ҳиндии қадимӣ «матри», дар заб. лотинӣ «mater», дар заб. русӣ (дар падежи родителний) «матери», дар заб. тоҷикӣ «модар» ва ғ.

**АРХИ…,** [< юн. archi асосӣ, калон]. **1**. Пешванде, ки дараҷаи олии ягон чизро ифода мекунад, мас., архиконсервативӣ. **2**. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки дараҷаи калонии унвонҳои калисоиро ифода менамояд, мас., *архиепископ, архиерей*.

**АРХИ́В,** [< лот. archivum < юн. archaios кӯҳна]. **1**. Бойгонӣ; муассиса барои нигоҳ доштани ҳуҷҷатҳои кӯҳна. **2**. Шуъбаи муассиса, ки дар он ҳуҷҷатҳои кӯҳна нигоҳ дошта мешаванд; шуъбаи бойгонӣ. **3**. Бойгонӣ; маҷмуи дастхатҳо, мактубҳо ва ҳуҷҷатҳои дигари ягон шахс ё муассиса, мас., А.-и С. Айнӣ. **4**. *инф.* Як ё якчанд *файл*, ки бо ёрии барномаи компютерии *архиватор* ба шакли фишурда табдил дода, дар хотираи компютер чун файли ягонаи том ҷойгир карда шудааст.

**АРХИВА́РИУС,** [< лот. archivarius]. Маҳфуздори ҳуҷҷатҳои бойгонӣ (*архив*), корманди бойгонӣ.

**АРХИВА́ТОР,** [< *архив*]. *инф.* Бойгонисоз; барномаи махсуси компютерие, ки файлҳоро фишурда мекунад, то ки дар бойгонӣ нигоҳ доштан ё бо почтаи электронӣ фиристодани онҳо осон шавад.

**АРХИВО́ЛТ (АРХИВО́ЛЬТ),** [ит. archivolto]. *меъм.* Канораи (ҳошияи) берунии арк.

**АРХИЕПИ́СКОП,** [юн. archiepiskopos]. Яке аз унвонҳои олии рӯҳониёни масеҳӣ; *епископи* калон, ки аз рӯи рутба дар байни епископ ва *митрополит* меистад.

**АРХИЕРЕ́Й,** [юн. archiereos]. Саррӯҳонӣ; номи умумии рӯҳониёни олимартабаи масеҳӣ (*епископ, архиепископ, митрополит, патриарх*).

**АРХИКА́РП,** [юн. archekarpos]. *бот.* Узви таносули модинаи баъзе замбуруғҳо, ки аз ду ҳуҷайра иборат аст.

**АРХИМАНДРИ́Т,** [юн. archimandrites]. Роҳиби (*монахи*) дараҷаи 2 (пеш аз *епископ*) дар калисои насронӣ; пири дайри (*монастири*) насронӣ; унвони динии ректори мактаби рӯҳониён (*семинария*).

**АРХИМИСЕ́ТҲО,** [юн. archmykes]. *бот.* Синфи занбурӯғҳои микроскопии содатарин, ки баданашон суст инкишоф ёфтааст ё умуман инкишоф наёфтааст; дар обсабзҳо, занбуруғҳо ва растаниҳо муфтхӯрӣ мекунанд; боиси бемориҳои гуногуни растаниҳои полизӣ (мас., картошка, карам ва ғ.) мегарданд.

**АРХИПЕЛА́Г,** [юн. archepelagos]. Галаҷазира; гурӯҳи ҷазираҳои баҳрие, ки дар наздикии якдигар воқеъ гашта, аксарашон хусусиятҳои якхелаи геологӣ доранд.

**АРХИТЕКТО́НИКА,** [< юн. architektonike санъати иморатсозӣ]. **1**. *меъм.* Таносуби вазни бино ва мустаҳкамии пойдевор, ки хоси системаи конструктивии он аст. **2**. *санъ.*, *адш.* Таносуб ва мувофиқати қисмҳои асари санъат ё адабиёт, *композитсияи* он. **3**. *геол.* Қишршиносӣ; яке аз соҳаҳои геология, ки сохти қишри замин ва хусусиятҳои хобиши ҷинсҳои кӯҳиро меомӯзад.

**АРХИТЕ́КТОР,** [< лот. architectus меъмор, иморатсоз]. Меъмор; мутахассиси соҳаи меъморӣ (*архитектура*).

**АРХИТЕКТУ́РА,** [лот. architectura]. **1**. Санъати меъморӣ; санъати лоиҳакашӣ ва иморатсозӣ. **2**. Услуби меъморӣ; хусусиятҳои бадеии иморат, арзиши эстетикии он.

**АРХИТРА́В,** [< юн. archi… асосӣ + trabs болор]. *меъм.* Болори асосӣ; қисми поёнии *антаблемент.*

**… АРХИЯ,** [< юн. ... archia ҳокимият, сарварӣ]. Қисми калима, ки ба ҳокимият, сарварӣ, шакли ҳокимиятдорӣ робита доштанро мефаҳмонад, мас., *монархия.*

**АРХОЗА́ВРҲО,** [< юн. archos қадим +… *завр*]. *пал.* Номи умумии ҳайвоноти мӯҳрадори хушкигард, ки саршуморашон дар давраи *мезозой* хеле зиёд буд; ба А. текодонтҳо, динозаврҳо, птерозаврҳо, тимсоҳҳо дохил мешаванд.

**АРХО́НТҲО,** [< юн. archon сарвар, роҳбар]. **1**. Шахсони олимансаб дар давлатшаҳрҳои (*полисҳои*) Юнони Қадим. **2**. Дар дини насронӣ – махлуқҳои тавоною бадҳайбат, душманони Худо ва инсон; хизматгорони шайтон. **3**. Дар равияи *гностисизм* – офарандагони олами моддӣ ва маънавӣ, ки ба нахустхудои ягона Яҳва мепайванданд.

**АС,** [фр. as туз]. **1**. Ҳавонаварди (*лётчики*) моҳир. **2**. *маҷ*. Устоди касби худ. || Мқс. виртуоз.

**АСА́НА,** [санскр]. Дар *йога* – тарзи нигоҳ доштани бадан, ки барои медитатсия (ниг. *медитатсия*) ё тарбияи бадан истифода мешавад.

**АСАФЕ́ТИДА,** [ол. Asafotida]. **1**. *бот*. Рошак; камол; касруф. **2**. *хим., тиб*. Моддаи қатронии бӯяш тез (чун бӯйи сирпиёз), ки аз решаи рошак (камол) ҳосил карда мешавад; дар тиб истифода мебранд.

**АСБЕ́СТ,** [< юн. asbestos насӯзанда]. Минерале аз гурӯҳи *серпантин* ва *амфиболҳо*, ки ба нахҳои борику бадошт ҷудо (таҷзия) мешавад; гармӣ ва ҷараёни электрро намегузаронад; ба оташ тобовар аст.

**АСБЕСТОСЕМЕ́НТ (АСБЕСТОЦЕМЕ́НТ),** [*асбест* + *семент*]. Масолеҳи сохтмон, ки баъди шах шудани омехтаи моеи *портландсемент* ва нахҳои асбестӣ ҳосил мешавад; обногузар ва ба оташу хунукӣ тобовар аст.

**АСБОШИ́ФЕР,** [< юн. asbestos насӯзанда + ол. Schiefer *шифер*]. Бомпӯши сунъие, ки аз омехтаи семент ва нахҳои асбестӣ тайёр мекунанд.

**АСЕА́Н,** [англ. ASEAN < Association of South East Asian Nations Иттиҳоди давлатҳои Осиёи ҷанубу шарқӣ]. Ташкилоти байналмилалие, ки соли 1967 дар ҳайати Индонезия, Малайзия, Сингапур, Таиланд, Филиппин ва Бруней бо мақсади ҳамкории иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ таъсис дода шудааст.

**АСЕ́БИЯ,** [< юн. asebeia даҳригӣ, беимонӣ]. Таҳқири муқаддасоти динӣ дар шаклҳои гуногун: фош намудани сирри истиғфор, дуздидани ашёи калисо, вайрон кардани расму оини динӣ, таҳқири иконаҳо, ибодатгоҳҳо, қабристонҳо ва ғ.

**АСЕЙСМИКӢ,** [< *а…* + *сейсмикӣ*]. М и н т а қ а ҳ о и а с е й с м и к ӣ – минтақаҳое, ки дар онҳо заминларза кам рӯй медиҳад.

**АСЕКСУАЛӢ,** [< *а…* + *сексуалӣ*]. Бешаҳват; ҳез; шахсе, ки рағбати шаҳвонӣ надорад;

**АСЕ́ПТИКА,** [юн. < а… бе, но + septikos пӯсиш]. *тиб*. Пешгирии уфунати (пӯсиши) захм ва бофтаҳо бо роҳи тамйизи (*стерилизатсияи*) асбобу анҷоми ҷарроҳӣ, докаи ҷароҳатбандӣ ва ғ.

**АСЕ́ПТИКҲО,** [< *асептика*]. Моддаҳои химиявие, ки барои пешгирии даромадани микробҳо ба ҷароҳат ва бофтаҳо, инчунин барои тамйизи асбобҳои ҷарроҳӣ ба кор бурда мешаванд.

**АСИММЕТРИ́Я,** [< юн. asymmetria номутаносибӣ]. Номутаносибӣ, номавзунӣ; вуҷуд надоштан ё вайрон шудани таносуб (*симметрия*);.

**АСИ́НДЕТОН,** [< юн. asyndeton нопайваст]. *збш*. Ҷумлае, ки дар он аъзоҳои якхелаи ҷумла бе ёрии пайвандакҳо пайваст мешаванд; мас., «омад, дид, мағлуб кард» (Юлий Сезар).

**АСИНЕРГИ́Я,** [юн. < а… бе, но + synergia робита]. *тиб.* Гум шудани қобилияти ба як ҳаракати мураккаб муттаҳид намудани ҳаракатҳои алоҳидаи одӣ; бештар ҳангоми бемориҳои мағзчаи сар рӯй медиҳад.

**АСИНХРОНӢ,** [*а…* + *синхронӣ*]. Ноҳамзамон; ғайри ҳамзамон. Муҳаррики А. – мошини барқие, ки дар он шумораи тобхӯрии *ротор* (бар хилофи муҳаррики барқии *синхронӣ*) бо шумораи лаппиши ҷараёни тағйирёбанда баробар намеояд.

**АСИСТОЛИ́Я,** [юн. < а… бе, но + systole ихтилоҷ]. *тиб.* Якбора суст шудани тапиши дил; номураттаб (номавзун) задани дил (*брадикардия*); тез-тез задани дил (*тахикардия*). || Мқс. аритмия.

**АСК[1],** [< юн. askos халтача]. *бот.* Узви таносули баъзе зембурӯғҳо (*аскомисетҳо*), ки ба халтача монанд аст (номаш аз ҳамин ҷост).

**АСК[2],** [англ. ask хоҳиш кардан, пурсидан, талбидан]. Жаргони *ҳиппҳо* ва дигар меҳнатбезорони ашаддӣ; бо А. зиндагӣ кардан – талбандагӣ (гадоӣ, садақапурсӣ) кардан, бо вуҷуди доштани қувваю имконият барои меҳнат кардан.

**АСКАРИ́ДА,** [< юн. askaris кирм]. *зоол.* Гиҷҷа; кирми меъдаю рӯдаи одам ва ҳайвон. || Мқс. солитёр.

**АСКАРИДО́З,** [< юн. askaris кирм]. *тиб.* Беморие, ки аз сабаби пайдо шудани *аскаридаҳо* дар рӯдаю меъдаи одам ва ҳайвонот рӯй медиҳад; дар натиҷаи ин беморӣ ҳазми хӯрок бад шуда, бемор заифу лоғар мегардад.

**АСКЕ́ЗА,** [< юн. asket машққунанда]. Маҷмуи шаклу усулҳои парҳезгорӣ бо мақсади ноил шудан ба озодии ҳақиқии рӯҳию маънавӣ; бо даст кашидан аз лаззату ҳаловати зиндагӣ, маҳдудсозии хӯрок, хоб, худазобдиҳӣ бо ҳар гуна воситаҳо, мас., муддатҳои дароз рост истодан, бе бистар хобидан дар рӯи замин, ва ғ., бо мардумгурезӣ, гӯшанишинӣ зоҳир мегардад; бештар дар байни мутаассибони мазҳабию динӣ дучор мешавад.

**АСКЕ́Т,** [юн. asket машққунанда]. **1**. Зоҳид; парҳезгор; гӯшанишин; шахси дунёбезор. **2**. *маҷ.* Шахси хеле ботамкину заҳматкаше, ки ҳаёти сахту пурмашаққатро ихтиёр намудааст.

**АСКЕТИ́ЗМ,** [< юн. asket машққунанда]. Таълимоти динӣ-тасаввуфие, ки гӯшанишинӣ, зуҳд, парҳезгорӣ, нафскушӣ, дунёбезориро талқин мекунад.

**АСКЛЕ́ПИЙ,** [юн. Asklepios]. Дар асотири юнониёни қадим – худои давову дармон, писари Аполлон; санъати табобатро аз кентавр Хирон омӯхтааст; Ипполит (писари Тесей), Капаней ва Главкро аз нав зинда карда буд ва барои ин кораш Зевс ӯро барқ занонда кушта, зеро фақат Зевс ҳуқуқ дошт, ки ба одамон бефаноӣ ато кунад. Дар асотири римиёни қадим *Эскулап* гӯянд.

**АСКОМИСЕ́ТҲО),** [< юн. askos халтача + mykes замбӯруғ]. *бот.* Синфи замбӯруғҳои олӣ (халтачадор), ки бо ёрии спораҳои дар халтачаашон вуҷуддошта афзоиш меёбанд.

**АСКОРБИНӢ,** [< юн. а… не, бе + лот. scorbutus зангила (тсинга)]. Кислотаи А. – витамини С; витамини дар об ҳалшавандае, ки бо роҳи сунъӣ аз *глюкоза* ҳосил карда мешавад; муқобилияти организмро ба ҳар гуна бемориҳо зиёд мекунад; норасоии кислотаи А. ба хуншоршавии пӯст ва луобпардаҳо, инчунин ба бемории зангила (тсинга) бурда мерасонад.

**АСОТСИАЛӢ,** [< а… не, бе + лот. socialis муттафиқона]. Зиддиичтимоӣ; зиддичамъиятӣ; вайронкунандаи ҳуқуқу манфиатҳои чамъият.

**АСПЕ́КТ,** [< лот. aspectus намуд, шакл]. **1**. Ҷанба; нуқтаи назар; ақида; тарзи фаҳмиши ягон мавзӯъ, зуҳурот, воқеа. **2**. *бот.* Симои зоҳирии растаниҳо, ки асосан вобаста бо фасли сол тағйир меёбад. **3**. *збш.* Шакли феъл; категорияи грамматикии феъл, ки хусусиятҳои чараёнёбии амал, давомнокӣ ва ғайраро мефаҳмонад, мас., шаклҳои мутлақ ва ғайримутлақи феъл.

**АСПЕКТОЛО́ГИЯ,** [< лот. aspectus намуд + … *логия*]. *збш.* Соҳаи забоншиносӣ, ки шаклҳои феъл ва маънои онҳоро меомӯзад.

**АСПЕРГИЛЛЁЗ,** [< лот. asper ноҳамвор, барчаста]. *тиб.* Бемории сироятии (микози музмини) одам, паранда ва занбӯри асал, ки аз замбуруғҳои халтачадори бемориовар (*аспергиллҳо*) пайдо мешавад.

**АСПЕРГИ́ЛЛҲО,** [лот. Aspergillus]. *биол.* Ҷинси замбӯруғҳои халтачадор, ки бештар дар шакли мағор дар маҳсулоти хӯрокворӣ, дар хок ва деворҳои намнок мерӯянд (такр. 160 намуд); баъзеашон бемориовар мебошанд, баъзеашонро дар истеҳсоли *антибиотикҳо* ва *ферментҳо* истифода мебаранд.

**АСПЕРМАТИ́ЗМ,** [< юн. а … не, бе + sperma нутфа]. *тиб.* Нарехтани нутфа ҳангоми чимоъ, сарфи назар аз вучуд доштани нутфа, майли шаҳвонӣ ва нуузи (*эрексияи*) олати таносул; аломати бемории узвҳои таносул ё системаи асаб мебошад.

**АСПЕРМИ́Я,** [< юн. а … не, бе + sperma нутфа]. *тиб.* Вучуд надоштани *сперматозоидҳо* дар нутфа.

**А́СПИД¹,** [< юн. aspis сипар]. **1.** *зоол.* Оилаи морҳои заҳрнок, ки асосан дар Австралия, Осиёи Ҷанубӣ, Африқо ва Амрико зиндагӣ мекунанд (181 намуд). **2**. *мач.* Одами маккор.

**А́СПИД²,** [< юн. iaspis яшм]. *маъд.* Яке аз намудҳои варақсанг (*сланетс*), ки ба осонӣ ба қабатҳои тунук чудо мешавад; дар истеҳсоли бомпӯшҳои грифелӣ (аспидӣ) истифода мебаранд.

**АСПИДИ́СТРА,** [лот. Aspidistra]. *бот.* Ситорагиёҳ; гурӯҳи алафҳои бисёрсолаи бепоя аз оилаи савсанҳо, ки асосан дар Осиёи Шарқӣ ва Ҷанубӣ мерӯяд;

**АСПИРА́НТ,** [лот. aspirans кӯшишкунанда]. Унвончӯй; шахсе, ки дар *аспирантураи* мактаби олӣ ё муассисаи илмӣ ба ичрои корҳои илмӣ тайёр карда мешавад.

**АСПИРАНТУ́РА,** [< лот. ниг. *аспирант*]. Шӯъба дар назди мактаби олӣ ё муассисаи илмӣ, ки бо тайёр кардани олимони оянда (унвончӯйҳо) машғул мешавад.

**АСПИРА́ТОР,** [< лот. aspiro нафас мекашам, нафас мебарорам]. **1**. Асбоб барои гирифтани намунаи ҳавои атмосфера бо мақсади таҳлили таркиби он. **2**. Ғуборкашак; асбоб барои кашида берун баровардани ҳавои ғуборноки биноҳои истеҳсолӣ. **3**. *тиб.* Асбоби тиббӣ барои аз роҳҳои нафас кашида баровардани ҷисмҳои бегона.

**АСПИРАТСИЯ (АСПИРА́ЦИЯ),** [< лот. aspiratio нафаскашӣ]. **1**. Маҷмӯи таҷҳизот барои кашида берун баровардани гарду ғубор аз биноҳои истеҳсолӣ. **2**. Худи раванди чунин ғуборкашӣ. **3**. *тиб.* Бо асбоби махсус кашида баровардани фасод ё бод аз роҳи нафас ё ягон ковокии бадан. **4**. *тиб.* Дар вақти нафаскашӣ ба роҳҳои нафас даромадани ҷисмҳои бегона.

**АСС,** [лот. as (assis)]. *таър.* Тангаи мисии Рими Қадим, ки то с. 217 то милод дар муомилот буд.

**АССАМБЛЕ́Я,** [фр. assemblee маҷлис]. **1**. *таър.* Базму тараб бо иштироки занҳо дар хонаҳои ашроф, ки Пётри I соли 1718 дар Россия ҷорӣ карда буд. **2**. Маҷлиси умумии ягон ташкилот (дипломатӣ, сиёсӣ ва ғ.). **3**. Дар баъзе мамлакатҳо номи парламент ё яке аз палатаҳои он. **4**. Мақоми олии баъзе ташкилотҳои байналмилалӣ; А. генералии СММ– маҷмааи умумии СММ; яке аз мақомоти асосии Созмони Милали Муттаҳид, ки аз намояндагони тамоми давлатҳои аъзои он иборат аст; с. 1945 таъсис ёфтааст.

**АССЕ́МБЛЕР,** [англ. assembler < лот. assemble ҷамъ кардан, васл кардан]. *инф.* **1**. Забони барномасозӣ. **2**. Яке аз навъҳои *транслятор* (тарҷумони компютерӣ); барномаи ёрирасон дар таркиби системаи амалиётӣ барои тарҷумаи автоматии барномаи аввалияе, ки ба забони А. навишта шудааст. || Мқс. бейсик, алгол, кобол, паскал, фортран.

**АССЕНИЗА́ТСИЯ (АССЕНИЗА́ЦИЯ),** [фр. assainissement солимгардонӣ, поксозӣ]. Кашонда бурдан ва безарар гардондани ахлоти ҳоҷатхонаҳои маҳалҳое, ки маҷрои фазлаоб (*канализатсия*) надоранд.

**АССИГНА́ТСИЯ (АССИГНА́ЦИЯ),** [< лот. assignatio ҷудо кардан]. *таър.* Пули коғазие, ки дар Россия аз с. 1769 бароварда мешуд; 1 январи с. 1849 аз сабаби беқурбшавӣ ва ҷорӣ гардидани *монометаллизми* нуқра дар натиҷаи ислоҳоти пул бекор карда шуд.

**АССИ́ЗҲО,** [лот. assisae маҷлис]. **1**. Дар Англияи асрҳои миёна – шакли махсуси даъвои судӣ ва қарорҳои ҳокимияти шоҳӣ. **2**. Дар баъзе мамлакатҳо – мурофиаҳои сайёри судӣ бо иштироки машваратчиёни қасамӣ.

**АССИМИЛЯ́ТОРҲО,** [< лот. assimilare]. **1**. Намояндагони ақаллиятҳои миллӣ, ки кӯшиш мекунанд бо миллати асосии ин ё он мамлакат омехта шаванд; А. забон, фарҳанг, эътиқоди динӣ, рафтор, тарзи либоспӯшӣ ва урфу одати бегонаро қабул карда, аз худшиносии миллии худ рӯй мегардонанд. **2**. Намояндагони аксарияти миллӣ, ки сиёсати *ассимилятсияи* маҷбуриро амалӣ менамоянд.

**АССИМИЛЯ́ТСИЯ (АССИМИЛЯ́ЦИЯ),** [лот. assimilatio монанд кардан]. **1**. *биол.* Моддаҳои берунӣ (хӯрок, ҳаво ва ғ.)-ро ҳазм кардани организм, ки инро *анаболизм* низ меноманд; А. якҷоя бо *диссимилятсия* (таҷзияи моддаҳо дар организм) мубодилаи моддаҳои организмро ташкил медиҳад, ки ин хосияти асосии бадани зинда мебошад. **2**. Ба ҳам омехтани як халқ бо халқи дигар бо роҳи омӯхтани забон, фарҳанг, эътиқод, рафтор, тарзи либоспӯшӣ, урфу одати он ва пурра ё қисман гум кардани хусусиятҳои миллии худ. **3**. *збш.* Идғом; монандшавии як овоз бо овози дигар дар вақти талаффуз, мас., анбор – амбор, занбар – замбар, шанбе – шамбе.

**АССИРОЛО́ГИЯ,** [< Ассирия (Осур, Ошур) – номи яке қадимтарин давлатҳои Шарқи Наздик + *…логия* ]. Илме, ки забон, хат, фарҳанг ва таърихи Осур ва Бобулистонро меомӯзад.

**АССИСТЕ́НТ,** [лот. assistens ёвар, дастёр]. **1**. Шахсе, ки ба профессор дар вақти хондани лексия, иҷрои корҳои озмоишӣ (лабораторӣ) ва машғулиятҳои амалӣ дар мактабҳои олӣ ёрӣ мерасонад; ёвари духтур, ки ба ҷараёни беморӣ назорат мекунад, ба ҷарроҳ ҳангоми амалиёти ҷарроҳӣ ёрӣ мерасонад; ёвари муаллими имтиҳонгиранда дар мактаби миёна. **2**. Мансаби хурди омӯзгорӣ ва унвони илмӣ дар матабҳои олии баъзе мамлакатҳо, инчунин шахсе, ки соҳиби чунин мансаб ва унвон аст. **3**. Хизматчии дастаи посбонони фахрии парчами ҷангӣ.

**АССО́,** [фр. assaut]. Дар шамшербозӣ ва муштзанӣ (*бокс*) – «зӯрозмоии озод»; вохӯрии ду варзишгар бо мақсади омӯхтани техникаи муҳориба ё тайёрӣ ба мусобиқа.

**АССОНА́НС,** [фр. assonance ҳамоҳангӣ]. *адш.* Қофияи нопуррае, ки аз овозҳои садонок иборат аст.

**АССОРТИ́,** [фр. assorti]. Омехтаи махсус интихобшудаи чанд намуд чизҳо, мас., ширавор, пораҳои мева ва ғ.

**АССОРТИМЕ́НТ,** [фр. assortiment]. Хелҳои (навъҳои) мол дар корхонаи истеҳсолӣ ё муассисаи савдо.

**АССОТСИАТИВӢ (АССОЦИАТИВӢ),** [< *ассотсиатсия*]. **1.** *мат.* Қонуни ассотсиативӣ – қонунест, ки мувофиқи он аз дигар шудани ҷойи баъзе ададҳои ҷамъшаванда ё зарбшаванда ҳосили ҷамъ ё зарб тағйир намеёбад. **2**. *психол.* Психологияи ассотсиативӣ – назарияи психологии дар асрҳои XVII – XIX паҳншудае, ки ҳамаи равандҳои мураккаби рӯҳиро фақат натиҷаи пайвасти (*ассотсиатсияи*) тасаввуротҳои одитарин мешуморад. **3**. *психол.* Хотираи А. – яке аз хусусиятҳои хотира – ба хотир овардани чизе (ҳодисае, ҳолате) ҳангоми ёдрас гардидани баъзе тафсилот ё ҷузъҳои он чиз (ҳодиса, ҳолат).

**АССОТСИА́ТСИЯ (АССОЦИА́ЦИЯ),** [лот. associatio пайвастшавӣ, муттаҳидшавӣ]. **1**. Иттиҳодияи одамон ё муассисаҳо, ки бо фаъолияти якхела машғуланд. **2**. *хим.* Муттаҳидшавии молекулаҳо ё ионҳои модда дар маҷмӯъҳои дучанда, сечанда ва ғ. **3**. *психол.* Робитаи байни тасаввуроти алоҳида, ки яке дигареро ба вуҷуд меорад; чизеро (ҳодисаеро) дида, чизи (ҳодисаи) дигари ба он монанд ё ба он алоқамандеро ба ёд овардан. **4**. А.-и чашм – кори муттафиқонаи ҳарду чашм, ки дар натиҷаи он тасвирҳои алоҳидаи бо ҳар як чашм дидашуда ба як манзараи умумӣ табдил

меёбанд. **5**. *бот*. Маҷмӯи оилаҳои растаниҳои (*фитосенозҳои*) якҷинса, ки аз ҷиҳати таркиби растаниҳо, инчунин аз ҷиҳати муносибати ҳамдигарӣ чи дар байни организмҳо ва чи дар байни худу муҳит якхела мебошанд. **6**. *астр*. Анбӯҳи ситораҳои ҷавон, ки аз ҷараёни ҳанӯз ҳам идомаёбандаи ситорапайдошавӣ дар Галактика гувоҳӣ медиҳад.

**АССЮРЕ́,** [фр. assure таъмин]. Хаткашаки матбаа, ки ба шакли чандин хати нозуки паралелӣ ё мавҷӣ рах мекашад; дар чопи ҳар гуна чекҳо, расидҳо (*квитансияҳо*) ва ғ. истифода мешавад.

**АСТАЗИ́Я,** [юн. < *а…* бе, но + stasis рост истодан]. *тиб*. Қобилияти рост истоданро гум кардани одам дар натиҷаи бемориҳои асаб. || Мқс. абазия.

**АСТА́Т,** [< лот. astatos ноустувор]. *хим*. Элементи радиоактивии гурӯҳи VII системаи даврӣ (At) аз оилаи *галогенҳо*; аз рӯйи баъзе хусусиятҳояш ба металли *полоний* монанд аст.

**АСТЕ́НИК,** [< *астения*]. *тиб*. Бемадор; суст; беқувват; т и п и  а с т е н и к ӣ – одами қадбаланди қафаси синааш тангу дароз ва мушакҳояш суст.

**АСТЕНИ́Я,** [< юн. astheneia сустӣ, бемадорӣ]. *тиб*. Бемадорӣ, сустӣ, лакотӣ, беқувватии ҷисму рӯҳ; бо хасташавӣ, лоғарӣ, вайроншавии реҷаи хоб, тоқат накардан ба равшанӣ ва овози баланд зоҳир мегардад; дар натиҷаи бемориҳои абгоркунандаи узвҳои дарунӣ, бемориҳои асаб ва сироятӣ, заҳролудшавӣ, реҷаи нодурусти хобу ғизо пайдо мешавад. || Мқс. психастения, неврастения.

**АСТЕНОПИ́Я,** [< юн. asthenes суст + ops чашм]. *тиб*. Заъфи босира; суст шудани қувваи биноӣ; бо дарди чашм, дарди сар, зуд хаста шудани чашмҳо, сӯзиши чашмҳо зоҳир мегардад.

**АСТЕНОСПЕРМИ́Я,** [< юн. asthenes суст + sperma нутфа]. *тиб*. Ҳаракати сусти *сперматозоидҳо*.

**АСТЕНОСФЕ́РА,** [< юн. asthenes суст + *сфера*]. *геол*. Қабати на чандон сахт, на чандон устувор ва на чандон часпак дар мантияи болоии Замин.

**АСТЕРЕОГНО́З,** [юн. astereognosis]. *тиб*. Бо роҳи ламс кардан шинохта натавонистани ашёи шинос; дар натиҷаи ихтилоли қисми чаккагии мағзи сар пайдо мешавад.

**АСТЕРИ́СК,** [< юн. aster ситора]. Аломати ситорашакл барои нишон додани истиноду эзоҳ дар поварақ.

**АСТЕ́РИЯ,** [< юн. aster ситора]. *зоол*. Ҳайвони бемӯҳра аз синфи ситораҳои хорпӯсти баҳрӣ.

**АСТЕРО́ИДҲО,** [юн. aster ситора + eidos намуд]. *астр*. Сайёраҳои хурд; ҷирмҳои Системаи офтобӣ, ки қутрашон 1 – 1000 км буда, дар гирди Офтоб, асосан дар байни мадори Миррих ва Муштарӣ, давр мезананд.

**АСТИГМАТИ́ЗМ,** [юн. < *а…* бе, но + stigme нуқта]. *тиб., опт.* Нуқсони чашм ва шишаҳои оптикӣ; дар он зоҳир мегардад, ки шуоъҳое, ки аз як нуқта баромадаанд, аз нав дар як нуқта (*фокус*) ҷамъ намешаванд ва дар натиҷа тасвир хираю доғдор мебарояд.

**АСТИ́ЛБЕ (АСТИ́ЛЬБЕ),** [юн. < *а…* бе, но + stilbo медурахшам]. *бот.* Растании бисёрсолаи майдагул аз оилаи сангкафонакҳо (тақр. 30 намуд); бештар дар Ҳимолой ва Осиёи Шарқӣ мерӯяд.

**А́СТМА,** [юн. < asthma нафастангӣ]. *тиб.* **1**. Диққи (зиққи) нафас, нафастангӣ, хафақон; астмаи бронхӣ – рагкашии бронхҳо (найчаҳои нафаскашии шуш) ё варами луобпардаи найчаҳои нафаскашӣ; астмаи дил – ҳар сари чанд вақт шиддат ёфтани нафастангӣ аз сабаби бемориҳои дил (*инфаркти миокард, кардиосклероз,* заъфи дил ва ғ.); одатан аз якчанд дақиқа то якчанд соат давом мекунад. **2**. Нафастангӣ дар натиҷаи афтидани ҷисмҳои бегона ба роҳҳои нафас.

**А́СТРА,** [< юн. aster ситора]. *бот.* Гули қашқарӣ, гули мино; растании боғии ороишӣ аз оилаи мураккабгулҳо (зиёда аз 250 намуд); гулҳои калон дорад, бебӯй аст.

**АСТРАГА́Л,** [< юн. astragalos]. *бот.* Растанӣ аз оилаи лӯбиёгиҳо (тақр. 2000 намуд); дар минтақаҳои муътадил ва гарми Нимкӯраи Шимолӣ мерӯяд; баъзе намудҳои онро ба сифати хӯроки чорво истифода мебаранд.

**АСТРАЛИ́Т,** [< юн. aster ситора +… *лит*]. **1**. Хӯлаи шишагии рангаш сурх. **2**. Як навъ моддаи тарканда.

**АСТРО…,** [< юн. aster ситора]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки бо ҷирмҳои осмонӣ ё кайҳон муносибат доштани калимаро ифода мекунад, мас., *астрономия, астрология.*

**АСТРОБИОЛО́ГИЯ,** [< *астро…* + … *биология*]. Илме, ки бо пайдо кардан ва омӯхтани нишонаҳои ҳаёт дар сайёраҳои дигар (ғайр аз Замин) машғул аст. || Мқс. экзобиология.

**АСТРОБЛЕ́МА,** [< *астро…* + юн. blema захм]. *геол.* Чуқурии танӯршакле, ки дар натиҷаи ба замин афтидани *метеорит* ё *астероид* пайдо мешавад.

**АСТРОБОТА́НИКА,** [< *астро…* + … *ботаника*]. Илме, ки имконияти дар сайёраҳои дигар рӯидани набототро меомӯзад. || Мқс. астробиология.

**АСТРОГНО́ЗИЯ,** [< *астро…* + юн. gnosis дониш]. *астр.* Донистани ситораҳои осмон ва аз рӯйи онҳо муайян намудани самт ва вақт.

**АСТРО́ГРАФ,** [< *астро…* + … *граф*]. Дурбини калон (*телескоп*) барои аксбардории ҷирмҳои осмонӣ.

**АСТРО́ИДА,** [< юн. aster ситора + eidos намуд]. *мат.* Хати каҷи ҳамвор, ки ба ситораи чоргӯша монанд аст.

**АСТРОЛА́ТРИЯ,** [юн. aster ситора + юн. latreia ибодат кардан, гиромӣ доштан]. Ситорапарастӣ; парастиши ситораҳо, сайёраҳо ва дигар ҷирмҳои осмонӣ; дар байни халқҳои қадим паҳн шуда буд. || Мқс. астрология.

**АСТРОЛО́ГИЯ,** [< *астро… + … логия*]. Мунаҷҷимӣ, ситорашиносӣ; таълимот дар бораи таъсири ситораҳо ба воқеаҳои рӯзмарра ва тақдири одамон; фолбинӣ аз рӯйи вазъи ситораҳо. || Мқс. астролатрия, гороскоп.

**АСТРОЛЯ́БИЯ,** [< юн. aster ситора + labe гирифтан]. *астр*. Устурлоб, зовиясанҷ; асбоби қадимаи геодезӣ ё астрономӣ барои чен кардани кунҷҳои уфуқӣ, арзу тӯл ва муайян намудани мавқеи ҷирмҳои осмонӣ. || Мқс. армилла, буссол, гелиометр, октант, теодолит.

**АСТРОМЕ́ТРИЯ,** [< *астро… + … метрия*]. *астр*. Соҳаи астрономия, ки бо омӯхтани гардиши Замин, муайян кардани мавқеи аниқи ҷирмҳои осмонӣ ва вақти аниқ машғул мебошад.

**АСТРОНАВИГА́ТСИЯ (АСТРОНАВИГА́ЦИЯ),** [< *астро… + … навигатсия*]. Соҳаи астрономияи амалӣ, ки мавқеъ ва самти ҳаракати киштиҳои обӣ ё ҳавоиро аз рӯйи ҷирмҳои сомонӣ муайян мекунад.

**АСТРОНА́ВТ,** [< юн. aster ситора + nautes баҳрнавард]. Кайҳоннавард; шахсе, ки бо киштии кайҳонӣ ба кайҳон парвоз мекунад; ин истилоҳ бештар дар ИМА ва баъзе мамлакатҳои дигар кор фармуда мешавад. || Мқс. космонавт.

**АСТРОНА́ВТИКА,** [< юн. aster ситора + nautike киштиронӣ]. Кайҳоннавардӣ; назария ва амалияи парвоз дар кайҳон. || Мқс. космонавтика.

**АСТРОНО́МИЯ,** [< юн. aster ситора + nomos қонун]. Илми ҳайат, илми нуҷум; ситорашиносӣ; илм дар бораи пайдоиш, сохт ва инкишофи ҷисмҳои осмонӣ ва умуман Кайҳон; с о л и а с т р о н о м ӣ – вақте, ки дар давоми он Замин дар атрофи Офтоб як маротиба давр мезанад; с о а т и а с т р о н о м ӣ – воҳиди вақт, ки ба 60 дақиқа баробар аст.

**АСТРОСПЕКТРО́ГРАФ,** [< *астро… + … спектрограф*]. *астр*. Асбоб барои аксбардории партавҳои рангини (*спектрҳои*) ҷирмҳои осмонӣ.

**АСТРОСПЕКТРОСКОПИЯ,** [< *астро… + … спектроскопия*]. *астр*. Соҳаи астрономия, ки партавҳои рангини (*спектрҳои*) ҷирмҳои осмониро меомӯзад (бо мақсади муайян кардани хосиятҳои физикию химиявӣ, инчунини суръат ва ҳаракати онҳо).

**АСТРОСПЕКТРОФОТОМЕ́ТРИЯ,** [< *астро… + … спектрофотометрия*]. *астр*. Соҳаи астрофизика, ки тақсимшавии энергияро дар партавҳои рангини (*спектрҳои*) ҷирмҳои осмонӣ тадқиқ мекунад (бо мақсади муайян кардани ҳарорат ва хусусиятҳои физикии қабатҳои болоии онҳо).

**АСТРОФИ́ЗИКА,** [< *астро… + … физика*]. *астр*. Соҳаи астрономия, ки хосиятҳои табиӣ ва таркиби химиявии ҷирмҳои осмонӣ, муҳити байни ситораҳо ва байни сайёраҳоро меомӯзад.

**АСТРОФОТОМЕ́ТР,** [< *астро… + … фотометр*]. *астр*. Асбоб барои чен кардани тобиш ва дурахши ҷирмҳои осмонӣ ё селаи рӯшноии онҳо.

**АСФА́ЛТ (АСФА́ЛЬТ),** [< юн. asphaltos қири кӯҳӣ]. Қатрони сиёҳи омехта бо қир (*битум*), рег ва шағал, ки барои рӯйкаш кардани роҳҳо, майдони фурудгоҳҳо, боми иморатҳо ва ғ. истифода мешавад.

**АСФИКСИ́Я,** [< юн. asphyktos бенафас]. *тиб*. Нафастангӣ, дамкӯтаҳӣ; нарасидани оксиген ва барзиёд ҷамъ шудани ангидриди карбон дар организми одам ва ҳайвон дар натиҷаи қатъ ё душвор гардидани нафаскашӣ; ба вайроншавӣ, ҳатто пурра қатъ гардидани гардиши хун бурда мерасонад. || Мқс. апноэ, астма, диспноэ.

**АСТСИ́Т (АСЦИ́Т),** [< юн. askos машк, саноч, хик]. *тиб*. Истисқо, дарди обхӯрак; ҷамъшавии об дар ковокии шикам.

**АТАВИ́ЗМ,** [< лот. atavi аҷдод]. **1**. *биол*. Дар организми одам, ҳайвонот ё растаниҳо пайдо шудани аломатҳо ва хусусиятҳои аҷдоди қадими онҳо. || Мқс. реверсия, рудимент. **2**. Урфу одатҳои қадимӣ, кӯҳнапарастӣ, ҷоҳилия.

**АТА́КА,** [фр. attaque]. **1**. Ҳамлаи бошиддат ва ҳалкунанда дар ҷанг, мусобиқаи варзишӣ ё дар мубоҳиса. || Мқс. штурм. **2**. *мус*. Гузариши олоти овозии одам аз ҳолати нафаскашӣ ба сурудхонӣ. **3**. *мус*. Гузариш ба қисми дигари асари мусиқӣ. **4**. *тиб*. Хуруҷи дарди шадиди буғумҳо, хусусан дар натиҷаи бемории тарбод. **5**. А. - и з е ҳ н ӣ (англ. brain storming) – ҳамлаи зеҳнӣ; фаъолияти бошиддати зеҳнии одамони дар як ҷо ҷамъомада (мас., дар тренинг ё семинар), мубодилаи афкор ё баҳсу мунозираи бо ҷӯшу хурӯши онҳо.

**АТАКСИ́Я,** [< юн. ataxia бенизомӣ]. *тиб*. Вайроншавии мутобиқати кори гурӯҳҳои гуногуни мушакҳо дар натиҷаи баъзе бемориҳои мағзи сар.

**АТАМА́Н,** [< турк]. **1**. Сардори (саркардаи) дастаи мусаллаҳ. **2**. Сардор (саркарда, командир) дар лашкари казакҳо; сардори воҳиди ҳудудию маъмурии казакҳо.

**АТАРА́КТИКҲО,** [< юн. ataraktos ором, осуда]. *тиб*., *хим*. Гурӯҳи доруҳои оромкунанда; доруҳои таскинбахш. || Мқс. барбитуратҳо, нейролептикҳо, транквилизаторҳо.

**АТА́С,** [< фр. attention диққат]. Нидои аз хатар огоҳкунанда; як навъ бонги хатар; ба ибораи «ҳушёр бош" мувофиқат мекунад.

**АТЕИ́ЗМ,** [< юн. atheon бехудоӣ < а… бе… + theos Худо]. Бединӣ, даҳригӣ; ақидае, ки мавҷудияти Худо ва ҳар гуна эътиқоди диниро инкор мекунад; нобоварӣ ба қувваҳои фавқуттабиа.

**АТЕИ́СТ,** [< *атеизм*]. Пайрави атеизм; бехудо, даҳрӣ.

**АТЕЛЙЕ́ (АТЕЛЬЕ́),** [фр. atelier]. **1**. Устохонаи рассом, ҳайкалтарош, суратгир. **2**. Корхонаи таъмири таҷҳизоти радиотелевизионӣ, асбобу лавозимоти рӯзгор, коргоҳи либосдӯзӣ ва пойафзолдӯзӣ.

**АТЕЛЛА́НА,** [лот. atellana]. Як навъ театри халқӣ дар Рими қадим, ки намоишҳояш хусусияти сиёсӣ доштанд.

**А ТЕ́МПО,** [ит. a tempo]. *мус*. Бо суръати пештара; ҳангоми иҷрои асари мусиқӣ баргаштан ба суръати (авҷи) пештара.

**АТЕРО́МА,** [юн. atheroma]. *тиб*. Омоси безарари (*кистаи*) ғадуди равғани пӯст, ки дар натиҷаи маҳкам шудани роҳҳои баромади ғадуди равған пайдо мешавад. || Мқс. аденома, ангиома, бластома, глиома, миома, миелома.

**АТЕРОСКЛЕРО́З,** [< юн. ather атола + sklerosis сахтшавӣ, ғализшавӣ]. *тиб*. Тасаллуби рагҳо; бемории музмини дилу раг, ки аз сабаби таҳшиншавии *холестерин* дар шараёнҳо (*артерияҳо*), ғафсшавии девори шараёнҳо, тангшавии рагҳо ва бадшавии мубодилаи хун дар организм пайдо мешавад; А.-и рагҳои дил метавонад ба сактаи қалб (*инфаркти миокард*), *кардиосклероз*, *стенокардия*, А.-и рагҳои мағзи сар бошад, метавонад ба сактаи майна (*инсулт*) бурда расонад.

**АТЕТО́З,** [юн. athetos ноустувор, бе ҳолати муайян]. *тиб*. Ихтилоҷи (рагкашии) мушакҳои дасту пой дар натиҷаи ихтилоли қисмҳои зерқишрии мағзи сар.

**АТЛА́НТ,** [юн. Atlas (Atlantos)]. **1**. Дар асотири юнониёни қадим – паҳлавоне, ки гӯё бо фармони Зевс гунбази осмонро бо китфонаш дошта истодааст. **2**. *меъм*. Сутун дар шакли марде, ки шифти иморат, айвон, пештоқ, болор ва ғ.-ро бардошта меистад. || Мқс. кариатида. **3**. *анат*. Мӯҳраи якуми гардан, ки аз боло бо устухони пушти сар ва аз поён бо мӯҳраи дуюми гардан пайваст мебошад. **4**. Радифи Зуҳал, ки қутраш тақрибан 36 км аст.

**АТЛАНТИ́ДА,** [< юн. Atlas (Atlantos)]. Мувофиқи ривояти юнониёни қадим – ҷазираи калони ҳосилхез ва сернуфус дар уқёнуси Атлантик, ки гӯё дар натиҷаи заминҷунбӣ ба қаъри об фурӯ рафтааст; вуҷуд доштани А.-ро илм исбот накардааст.

**АТЛАНТОЗАВР,** [< *атлант* + юн. sauros сусмор]. *пал*. Ҳайвони бузургҷуссаи хазандаи нимаи дуюми қарни *мезозой* аз зоти динозаврҳо, ки гардану думи дароз ва сари хурд дошт (дарозиаш қариб 30 м).

**АТЛА́НТРОП,** [< юн. Atlas (Atlantos) + anthropos одам]. Одами ниҳоят қадим, яке аз намудҳои *питекантроп*, ки косахонаи сари он солҳои 1954-1955 дар Алҷазоир ёфт шудааст.

**А́ТЛАС,** [< юн. Atlas]. **1**. Маҷмӯи харитаҳои ҷуғрофӣ, таърихӣ дар шакли албом ё китоб. **2**. Маҷмӯи суратҳои узвҳои бадани одам (А.-и анатомӣ), ҳайвонот (А.-и зоологӣ), растаниҳо (А.-и ботаникӣ), ки ба ҳайси асбоби аёнӣ дар корҳои омӯзгорӣ ва илмӣ истифода мешавад.

**АТЛЕ́Т,** [< юн. athletes гӯштингир, паҳлавон]. **1**. Варзишгаре, ки бо *атлетикаи* сабук ё вазнин машғул аст. **2**. Одами қавибозу; одаме, ки мушакҳояш хуб инкишоф ёфтаанд.

**АТЛЕТИ́ЗМ,** [< *атлет*]. Системаи машқҳои гимнастикӣ барои инкишофи мушакҳои бадан. || Мқс. културизм, бодибилдинг.

**АТЛЕ́ТИКА,** [< *атлет*]. Варзиш, машқҳои ҷисмоние, ки пурзӯрӣ ва чобукиро талаб мекунанд; санъати бо роҳи машқҳои ҷисмонӣ инкишоф додани қувват ва чолокӣ. А.-и сабук – давидан, ҷаҳидан, найзапартоӣ ва ғ.; А.-и вазнин – муштзанӣ, вазнбардорӣ (штангбардорӣ).

**АТМОГЕОХИ́МИЯ,** [< *атмосфера* + *геохимия*]. Илме, ки таркиби атмосфераи Замин ва бо мурури замон тағйир ёфтани онро тадқиқ мекунад.

**АТМОМЕ́ТР,** [< юн. atmos бухоршавӣ + metreo чен мекунам)]. Асбоб барои муайян кардани суръати бухоршавии об.

**АТМОСФЕ́РА,** [< юн. atmos бухоршавӣ + *сфера*]. **1**. Пардаи газмонанди баъзе ҷирмҳои осмонӣ; А.-и замин – ҳавои атрофи Замин, ки якҷоя бо он давр мезанад; аз нитроген (78,1%), оксиген (21%), аргон (0,93%), гази ангидриди карбон (0,03%), газҳои дигар (0,01%) ва об иборат аст. **2**. *маҷ*. Муҳит, шароит, ҳолат. **3**. *физ*. Воҳиди қиёсии фишори газҳо.

**АТМОФИЛӢ,** [< *атмосфера* +... *фил*]. *хим*. Элементҳои атмофилӣ – гурӯҳи элементҳои химиявӣ (нитроген, гидроген, оксиген ва баъзе газҳо), ки дар атмосфераи замин дар шакли атомҳо ё молекулаҳои озод вуҷуд доранд.

**АТО́ЛЛ,** [англ. atoll]. Ҷазираи ҳалқашакли марҷонӣ, ки одатан халиҷи он бо канали танге бо баҳр пайваст мешавад; А.-ҳо хусусан дар қисми тропикии уқёнуси Ором бисёранд.

**А́ТОМ,** [< юн. atomos тақсимнашаванда]. *хим*. Хурдтарин зарраи элементи химиявӣ; пеш аз асри XX атомро тақсимнашаванда (таҷзиянашаванда) мешумурданд, ки номаш аз ҳамин ҷост; илми муосир собит намудааст, ки атом тақсимшаванда аст ва аз *ядрои* (мағзи) қутбаш мусбат ва электронҳои дар гирди он даврзананда иборат мебошад; ядрои А. сохти мураккаб дошта, аз *протонҳо* ва *нейтронҳо* иборат аст.

**АТОМИ́ЗМ,** [< *атом*]. *фалс*. Таълимоти табиатшиносии материалистиест, ки онро аввалин бор қариб 6 аср пеш аз милод файласуфони Ҳиндустони Қадим ва дар асри 5 то милод файласуфони Юнони Қадим – Левкипп ва Демокрит, сипас Эпикур (341 – 270 то милод) ва файласуфи материалисти Рим Лукретсий (98 – 55 то милод) инкишоф додаанд. Мувофиқи ин таълимот материя аз хурдтарин зарраҳои абадии бетағйиру тақсимнашавандаи ҳаракаткунанда – атомҳо иборат аст. Абӯалӣ ибни Сино (980 – 1037) дар «Китоб-уш-шифо» ақидаи Демокритро дар бораи сохти атомии модда равшан баён кардааст. Ӯ тарафдори муттасил тақсимшавии модда буда, мавҷудияти фазои холиро рад мекард. Ин таълимот дар натиҷаи тадқиқоти илмии олими рус Д.И.Менделеев (1834 – 1907) ҳарҷониба инкишоф ёфт. А.-и муосир муқаррар намуд, ки атомҳо сохти мураккаб дошта, тақсимшаванда мебошанд ва зарраҳои атом тағйирпазир буда, аз як шакл ба шакли дигар гузашта метавонанд.

**АТОМӢ,** [< *атом*]. Мансуб ба *атом.*

**АТОНАЛӢ,** [фр. atonal < юн. a… бе… + tonos зарб]. *мус*. Мусиқии атоналӣ – мусиқии безарб; яке аз зуҳуроти *авангардизм* дар санъати мусиқӣ.

**АТОНИ́Я**, [< юн. atonia сустӣ, бемадорӣ]. *тиб*. Сустӣ, беҳолии мушакҳои бадан ва узвҳои дарунӣ (мас., рӯдаҳо) дар натиҷаи лоғарӣ, бемориҳои асаб ё бемориҳои диг.; ирсӣ низ буда метавонад.

**АТРЕЗИ́Я,** [< юн. a… бе… + tresis сӯрохӣ]. *физиол*. Вуҷуд надоштани сӯрохӣ дар ин ё он узви найчашакл (рӯда, маҳбал, рагҳои хун ва ғ.); одатан модарзодист.

**АТРЕПСИ́Я,** [< юн. a… бе… + threpsis ғизо]. *тиб*. Шакли вазнини вайроншавии фаъолияти ғизохӯрии кӯдакони ширхор ҳангоми ба онҳо додани ғизоҳои сунъӣ (на шири модар). || Мқс. диспепсия.

**АТРИБУ́Т**, [< лот. attribuo медиҳам, таъмин мекунам]. **1**. Аломати хос, хусусият, хосият. **2**. *збш*. Муайянкунанда.

**АТРИБУ́ТСИЯ (АТРИБУ́ЦИЯ)**, [< лот. attributio нисбат додан]. Муқаррар намудани муаллиф, замон ва маҳалли таълифи асари бадеӣ; ба таҳлили сабк, услуб, сюжет, инчунин ба натиҷаҳои тадқиқоти физикӣ ва химиявӣ асос меёбад.

**АТРИЕ́НСИС**, [лот. atriensis]. Нозири қаср, хона, ҳавлӣ дар Рими Қадим.

**А́ТРИЙ, А́ТРИУМ**, [лот. atrium]. *меъм*. Дар Рими Қадим – ҳавлии болопӯшида, ки дар марказаш ҳавз ва дар бомаш барои даромадани рӯшноӣ равзана дошт.

**АТРОПИ́Н**, [< лот. attropa]. *хим. тиб*. Моддаи заҳрнок (*алкалоид*), ки аз гиёҳҳои базлурбанҷ, бангдона, тотула, мастак ҳосил мекунанд; ҳамчун доруи дардшикан ҳангоми бемориҳои захми рӯдаву меъда, ҳамчун нӯшдору ҳангоми заҳролудшавӣ, инчунин барои васеъ кардани гавҳараки чашм истифода мешавад.

**АТРОФИ́Я**, [< юн. a… бе… + trophe ғизо]. *тиб*. Маълул (пажмурда, карахт, беҳис) шудан, мурдан ё хурд шуда аз кор баромадани ягон узви бадан ё ҳуҷайра дар натиҷаи бемориҳои музмини гуногун.

**АТТАЛЕ́Я**, [лот. Attalea]. *бот*. Навъе аз дарахти нахл (тақр. 20 намуд), ки баргҳои калони пармонанд дорад; дар минтақаҳои тропикии Амрико мерӯяд.

**АТТАШЕ́**, [фр. attaché вобасташуда]. **1**. Рутбаи хурди дипломатӣ; амалдори дипломатӣ дар сафоратхона ё ваколатхонаҳо (намояндагиҳо). **2**. Шахси расмие, ки ҳамчун мутахассиси соҳаи муайян ба сафоратхона ё ваколатхона фиристода шудааст, мас., атташеи ҳарбӣ, атташеи тиҷоратӣ.

**АТТЕНТА́Т**, [фр. attentat]. Суиқасди сиёсӣ.

**АТТЕНУА́ТСИЯ (АТТЕНУА́ЦИЯ)**, [лот. attenuatio кам кардан]. *тиб*. Бо роҳи сунъӣ суст кардани қобилияти бемориоварии микроорганизмҳо.

**АТТЕНЮА́ТОР**, [< фр. attenuer суст кардан]. *тех*. Асбоб барои суст кардани қувва ё шиддати лаппишҳои электрикӣ ё электромагнитӣ. || Мқс. бареттер.

**АТТЕСТА́Т**, [< лот. attestari шаҳодат додан, гувоҳӣ додан, тасдиқ кардан]. **1**. Шаҳодатномаи хатми мактаби миёна, омӯзишгоҳ ва ғ.; номаи камол (то соли 1964). || Мқс. диплом. **2**. Ҳуҷҷате, ки ба хизматчиёни ҳарбӣ (ё аъзои оилаашон) ҳангоми фиристодан ба ҷойи дигари хизмат ё ҳангоми сафари хизматӣ барои таъминоти пулӣ ё молии онҳо дода мешавад. **3**. Тавсифнома ё тавсиянома аз ҷойи пештараи хизмат. **4**. Ҳуҷҷате, ки хушзот будани ҳайвонро тасдиқ мекунад.

**АТТЕСТА́ТСИЯ (АТТЕСТА́ЦИЯ)**, [< лот. attestari шаҳодат додан, гувоҳӣ додан, тасдиқ кардан]. **1**. Муайян кардани дараҷаи ихтисос, сатҳи дониш, малакаю қобилияти корманд ё донишҷӯ. **2**. Тавсифнома; фикру андешаи хаттӣ дар бораи қобилият ва малакаю маҳорати кории шахсе. || Мқс. характеристика.

**АТТИТЮ́Д**, [< фр. attitude тарзи ист, ҳолати бадан]. Яке аз ҳолатҳои бадан дар вақти рақси классикӣ; дар ин ҳолат раққос бо як пой рост меистад, пойи дигарашро бардошта, аз зону қат мекунад ва қафо мебарад. || Мқс. арабеск.

**АТТИСИ́ЗМ (АТТИЦИ́ЗМ), АТТИКИ́ЗМ**, [< юн. attikismos]. Суханронии пурмаъно, суханварӣ бо камоли балоғат ва фасоҳат, ки ба сокинони Аттика ном вилояти Юнони Қадим, хусусан ба афиниён хос буд.

**АТТО**…, [< лот. atten ҳаждаҳ]. Қисми аввали номи воҳидҳои бузургии физикӣ, ки ба $10^{-18}$ ҳиссаи воҳиди аввала баробар аст (мас., 1 аттосония = $10^{-18}$ сония). || Мқс. детси…, микро…, мили…, нано…, санти…, фемто…

**АТТО́РНЕЙ**, [англ. attorney]. **1**. Дар Британияи Кабир – намояндаи эътимоднок, ҳомии манфиатҳои ягон шахс ё ширкат, ки хизматҳои ҳуқуқӣ мерасонад. **2**. Дар ИМА – мушовири мақомоти ҳокимият оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ дар вилоят, шаҳр, ноҳия.

**АТТО́РНЕЙ-ГЕНЕРА́Л**, [англ. Attorney General]. **1**. Дар Британияи Кабир – узви девони вазирон, ки аз номи ҳукумат дар мурофиаҳои судӣ суханронӣ мекунад. **2**. Дар ИМА – а) вазири адлия, ҳамзамон сармушовири ҳуқуқии ҳукумати федералӣ ва намояндаи он дар суди олӣ; б) прокурори *округ*.

**АТТРАКТА́НТҲО**, [< лот. attraho ба худ ҷалб мекунам]. Моддаҳои табиӣ ё сунъие, ки ҳайвонот, хусусан ҳашаротро ба худ ҷалб мекунанд; воситаи мубориза бар зидди ҳашароти зараррасон. || Мқс. апеллентҳо, репеллентҳо.

**АТТРАКСИО́Н (АТТРАКЦИО́Н)**, [фр. attarction < лот. attraho ба худ ҷалб мекунам]. **1**. Намоиши ҷаззоб ва диққатҷалбкунандаи сиркӣ ё эстрадӣ. **2**. Воситаҳои дилхушкунанда дар тамошогоҳҳо ва боғҳои фароғатӣ, ба монанди чархофалак, алвонҷак ва ғ.

**АТФ**, [< лот.]. Номи мухтасари аденозинтрифосфат.

**А ТУ ПРИ**, [фр. a tout prix]. Бо ҳар роҳ бошад; ба ивази ҳар чизе, ки бошад.

**АУДИЕНСИЯ (АУДИЕ́НЦИЯ)**, [лот. audientia шунидан, гӯш кардан]. Қабули расмӣ; пазироӣ аз ҷониби шахси баландмақом; бор.

**АУДИО...** [лот. audio мешунавам]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки бо садо, овоз робита доштанро ифода мекунад, мас., аудиомагнитофон, аудиология, аудиометр.

**АУДИОБУ́К,** [анл. audio book]. Китоби гӯё; аудиокитоб; матни китоб, ки дар қарта, магнитофон, телефон, видео сабт шудааст.

**АУДИОВИЗУАЛӢ**, [*аудио... + ... визуалӣ*]. Восита ё амалҳое, ки ба дарки ҳамзамони сомеавӣ ва босиравӣ асос ёфтаанд (мас., воситаҳои аудиовизуалии таълим).

**АУДИОЛО́ГИЯ**, [*аудио... + ... логия*]. *тиб.* Сомеашиносӣ; соҳаи илми тиб, ки қувваи сомеа (шунавоӣ) ва иллату нуқсонҳои он, инчунин усулҳои ташхис, пешгирӣ ва ислоҳи ин иллату нуқсонҳоро меомӯзад.

**АУДИО́МЕТР**, [*аудио... + ... метр*]. *тиб.* Асбоб барои муайян кардани қувваи сомеа.

**АУДИОМЕ́ТРИЯ**, [*аудио... + ... метрия*]. *тиб.* Чен кардани қувваи сомеа бо роҳи муайян намудани камтарин қувваи овозе, ки инсон дарк мекунад; *акуметрия* низ гӯянд.

**АУДИОПЛА́ТА**, [*аудио...* + фр. plateau қарта, қурс (*диск*)]. Қартаи овоз; асбоби махсус дар блоки системавии компютер барои садобарорӣ (мусиқӣ, нутқи овозӣ, садоҳои гуногун, мас., шамол, раъду барқ, хониши паррандаҳо ва ғ.).

**АУДИОПОДКА́СТ**, [< *аудио... + подкаст*]. Барномаи аудиоие, ки дар шакли *файл* сабт шудааст, инчунин сабти овозии дар манбаи (*ресурси*) муайян ҷойдодашуда барои нусхабардорӣ ва гӯш кардан дар компютер ё телефони мобилӣ.

**АУДИ́Т**, [англ. audit < лот. audire шунидан, тафтиш кардан]. *мол.* Тафтиши фаъолияти молиявӣ ва асноди ҳисобдории корхона, муассиса аз ҷониби тафтишгари (*аудитори*) мустақиле, ки дорои иҷозатномаи махсус мебошад.

**АУДИ́ТОР**, [< лот. auditor шунаванда, сомеъ]. **1**. *мол.* Шахси ваколатдорнамудаи мақомоти молия ё шахси даъватнамудаи корхона (ширкат), ки фаъолияти молиявии корхона (ширкат)-ро дар асоси шартнома назорат ё тафтиш мекунад. **2**. *мол.* Дар ИМА – шахси мансабдори маъмурияти вилоят (*штат*), ки ба сарфи маблағҳои буҷетӣ назорат мекунад. **3**. Дар империяи Россия номи мансаб дар муассисаҳои ҳарбию судӣ. **4**. Талаба дар мактабҳои динӣ ва баъзе мактабҳои дунявӣ, ки муаллим барои гӯш кардан ва ислоҳ намудани ҷавобҳои ҳамдарсонаш таъйин мекунад.

**АУДИТО́РИЯ**, [лот. auditorium < лот. audire шунидан]. **1**. Хонае, ки дар он лексияву маърӯзаҳо хонда мешаванд, семинару маҷлисҳо ва ғ. барпо мегарданд; дарсхона. **2**. Шунавандагони лексия ё маърӯза; шунавандагон ва тамошокунандагони консерт, филм, барномаҳои радиоӣ, телевизионӣ ва ғ.

**АУКСАНО́МЕТР**, [< юн. auxano қад мекашам + ...*метр*]. *бот.* Қадченкунак; асбоб барои чен кардани қади (дарозии) растаниҳо.

**АУКСИ́НҲО**, [< юн. auxano қад мекашам]. *бот.* Фитогормонҳое, ки ба қадкашии растаниҳо мусоидат мекунанд; табиӣ ва сунъӣ мешаванд; А.-ҳои сунъиро дар растанипарварӣ истифода мебаранд. || Мқс. гиббереллинҳо.

**АУКУ́БА**, [лот. Aucuba]. *бот.* Ҷинси бутта ё дарахтҳои ҳамешасабзе, ки дар ҷангалҳои Осиёи Шарқӣ мерӯяд; баландиаш то 4,5 м; баъзе намудҳои онро барои ороиш истифода мебаранд.

**АУКСИО́Н (АУКЦИО́Н)**, [ол. Auktion]. Савдои «кӣ зиёд», музояда; ҳангоми чунин савдо мол ба касе фурӯхта мешавад, ки пули аз ҳама зиёд пешниҳод мекунад.

**А́УРА**, [< юн. aura вазиши боди сабук]. **1**. Дар таълимоти тасаввуфӣ ва санъати тасвирӣ (*иконаҳо*) партави ҳокашакл дар гирди сари қудсиён ё Худо. || Мқс. ореол. **2**. Биомайдон; нерӯи рӯҳии инсон (илман исбот нашудааст). **3**. *тиб.* Аломати пешакии хуруҷи бемориҳои саръ, ғашён, ҷунун, шақиқа (дарди нимсара), ки бо тарсу ваҳм, шахшавии бадан, ҷарангос задани гӯшҳо ва ғ. зоҳир мегардад.

**А́УРУМ**, [лот. Arcenicum]. *хим.* Номи химиявии тилло.

**АУСКУЛТА́ТСИЯ (АУСКУЛЬТА́ЦИЯ)**, [лот. auscultation гӯш кардан]. *тиб.* Усули тадқиқи узвҳои дарунӣ бо роҳи гӯш кардани (бевосита бо гӯш ё ба воситаи *стетоскоп* ё *фонендоскоп*) овозҳое, ки ин узвҳо ҳангоми кор кардани худ мебароранд.

**АУСПИ́ТСИЙ (АУСПИ́ЦИЙ)**, [лот. auspicium]. Дар Рими Қадим фолбинӣ аз рӯйи парвоз ё овози паррандаҳо.

**АУСТРА́Л (АУСТРА́ЛЬ)**, [исп. austra]. Воҳиди пули Аргентина, ки ба 100 сентаво баробар аст.

**А́УТ**, [< англ. out берун]. *варз.* Аз ҳудуди майдон берун баромадани туб ё шайба дар баъзе бозиҳои варзишӣ, мас., дар футбол, хоккей ва ғ.

**АУТБРИ́ДИНГ**, [англ. outbreeding]. *биол.* Ҷуфтикунонии организмҳои зот, навъ ва намудҳояшон гуногуне, ки бо якдигар хешии бевосита надоранд; дар чорводорӣ ва растанипарварӣ барои пешгирии оқибатҳои зарарноки ҷуфтшавии хешҳои наздик (*инбридинг*) истифода бурда мешавад. || Мқс. кроссбридинг, экзогамия, эндогамия.

**АУТЕНТӢ**, [< юн. authentique ҳақиқӣ, аслӣ]. Асл; ба нусхаи асл мувофиқ, ҳақиқӣ; матни аутентии ҳуҷҷати дипломатӣ – матни аслии дорои имзои шахсони расмии ваколатдор ва мӯҳри давлат; тафсири аутентии қонун – тафсире, ки аз ҷониби мақомоти давлатии ҳамон ҳуҷҷатро қабулкарда дода мешавад.

**АУТИ́ЗМ**, [< юн. autos худ]. **1**. *психол.* Фурӯравӣ ба олами ҳиссиёту таассуроти шахсӣ ва канорагирӣ аз олами беруна. **2**. *тиб.* Аломати ихтилоли рӯҳӣ, ки бо ҳисси мардумгурезӣ, гумшавии шавқу ҳавас ба олами воқеӣ зоҳир мегардад; аутизми кӯдакона – аломатҳои А., ки дар синни кӯдакӣ ошкор карда мешаванд; бо канораҷӯӣ аз муоширати шифоҳӣ ва ҳиссӣ бо атрофиён, дар танҳоӣ бозӣ кардан зоҳир мешавад.

**А́УТИНГ**, [< англ. outing баромадан, берун шудан]. Ба омма фош намудани тамоюли шаҳвонӣ ё гендерии шахс бе иҷозати ӯ.

**АУТЛЕ́Т**, [< англ. outlet баромад]. Фурӯшгоҳе, ки молҳоро бевосита аз корхонаи истеҳсолкунанда оварда, бо нархи нисбатан арзон мефурӯшад.

**АУТЛУ́К**, [англ. outlook]. инф. Барномаи компютерӣ барои қабул кардан, навиштан, фиристодан ва нигоҳ доштани иттилоот; А. инчунин вазифаи органайзерро (ниг. *органайзер*) иҷро мекунад.

**АУТО…**, [юн. autos худ]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки маънои «худ», «азони худ»-ро ифода мекунад, мас., *аутогенӣ, аутоинфексия.*

**А́УТОВАКСИ́НА (А́УТОВАКЦИ́НА)**, [< *ауто…* + … *ваксина*]. *тиб.* Як намуди *ваксина*; аз бактерияҳое тайёр карда мешавад, ки бемориро ба вуҷуд овардаанд ва аз беморе гирифта шудаанд, ки ваксина барои табобати ӯ таъйин гардидааст.

**А́УТОГЕМОТЕРАПИ́Я**, [< *ауто…* + … *гемо* … + … *терапия*]. *тиб.* Ба мушак ё ба зери пӯст ворид намудани хуне, ки аз раги вариди худи бемор гирифта шудааст; яке аз усулҳои беҳтар намудани мубодилаи моддаҳо ва табобати бемориҳои суст ҷараёнёбандаи сироятӣ. || Мқс. аутосеротерапия, аутотрансфузия.

**АУТОГЕНӢ**, [< юн. autos худ+ genos тавлидшавӣ]. *тиб.* Машқи аутогенӣ – усули муолиҷаи рӯҳӣ бо роҳи суст кардани мушакҳо ва худталқинкунӣ. *Аутотренинг* низ гӯянд.

**АУТОДАФЕ́**, [исп., пор. auto-de-fe амри имон]. Дар асрҳои миёна бо ҳукми суди *инкивизитсия* дар пеши назари мардум ба оташ андохта, сӯзондани аҳли бидъат ва китобҳои онҳо; дар Испания ва Португалия аз асри XIII то с. 1816 маъмул буд.

**А́УТОИНТОКСИКА́ТСИЯ (А́УТОИНТОКСИКА́ЦИЯ)**, [< *ауто…* + … *интоксикатсия*]. *тиб.* Худзаҳролудшавӣ; беморие, ки дар натиҷаи заҳролудшавӣ бо моддаҳои заҳрноки дар организм пайдошуда рӯй медиҳад, мас., варами гурда (*нефрит*). || Мқс. аутоинфексия.

**АУТОИНФЕ́КСИЯ (АУТОИНФЕ́КЦИЯ)**, [< *ауто…* + … *инфексия*]. *тиб.* Худсироятёбӣ; бедор шудани инфексияҳои «хуфта»; худсироятёбӣ бо микробҳое, ки дар организм баъди аз сар гузарондани ягон бемории сироятӣ боқӣ монда, баъди хастагии зиёд ё шамолхӯрӣ дубора бемориовар гардидаанд.

**АУТОПЛА́СТИКА**, [< *ауто…* + … *пластика*]. *тиб.* Бо усули ҷарроҳӣ аз як ҷой ба ҷойи дигар кӯчондани бофтаҳои як организм; *аутотрансплантатсия* низ гӯянд.

**АУТОПСИ́Я**, [< *ауто…* + юн. opsis дидан]. *тиб.* Ташреҳи ҷасад; чок кардани ҷасади мурда барои маълум намудани сабаби марг. || Мқс. эксгуматсия.

**АУТОСЕРОТЕРАПИ́Я**, [< *ауто…* + лот. serum хуноба, зардоб + *терапия*]. *тиб.* Ба бемор гузарондани хунобаи худи ӯ бо мақсади муолиҷа. || Мқс. аутогемотерапия, аутотрансфузия.

**АУТОСКОПИ́Я**, [< *ауто…* + *… скопия*]. *тиб.* Муоинаи ҳалқ ва роҳҳои поёнии нафас бе асбобҳои оптикӣ. ‖ Мқс. ларингоскопия.

**АУТОСО́МҲО**, [< *ауто…* + *… хромосомаҳо*]. *биол.* Ҳамаи хромосомаҳои ҳуҷайраҳои ҳайвоноту набототи гуногунҷинс, ба истисноии хромосомаҳои ҷинсӣ.

**АУТОТРАНСПЛАНТА́ТСИЯ (АУТОТРАНСПЛАНТА́ЦИЯ),** [< *ауто…* + *… трансплантатсия*]. *тиб.* Ниг. *аутопластика.*

**АУТОТРАНСФУ́ЗИЯ**, [< *ауто…* + *… трансфузия*]. *тиб.* Ба бемор гузарондани хуни худи ӯ. ‖ Мқс. аутогемотерапия, аутосеротерапия.

**АУТОТРЕ́НИНГ**, [< *ауто…* + *… тренинг*]. *тиб.* Ниг. *аутогенӣ* (машқи аутогенӣ).

**АУТОЭКОЛО́ГИЯ**, [< *ауто…* + *… экология*]. *биол.* Соҳаи *экология*, ки таъсири омилҳои гуногуни олами берунаро ба организмҳои алоҳида меомӯзад. ‖ Мқс. синэкология.

**АУТРИЧӢ**, [англ. outreach робитаи берунӣ]. **1**. К о р и  а у т р и ч ӣ – додани маълумот ва маслиҳату машварат (бо роҳи фаҳмондадиҳӣ ё тақсим намудани варақаю брошюраҳо) ба гурӯҳҳои муайяни зерҳадаф, масалан ба истеъмолкунандагони маводи мухаддир, шахсони расонандаи хизматҳои шаҳвонӣ ва ғ. дар ҷойҳое, ки онҳо одатан ҷамъ мешаванд ва вақташонро мегузаронанд (кӯча, сауна, клубҳо, барҳо, меҳмонхонаҳо, ҷойҳои харидуфурӯши махфии маводи мухаддир ва ғ.). **2**. К о р м а н д и  а у т р и ч ӣ – шахси махсус тайёркардашуда барои иҷрои кори аутричӣ.

**АУТСА́ЙД**, [англ. outside берун, тарафи берун]. Дар дастаҳои футбол ва хоккей бозингари канории хати ҳуҷум.

**АУТСА́ЙДЕР**, [англ. outsider бегона]. **1**. Номутахассис, ҳаваскор. **2**. Корхона ё ширкате, ки ба иттиҳодияи монополистӣ дохил намешавад, вале маҷбур аст, ба шартҳои хоҷагидорие, ки иттиҳодияҳои калони монополистӣ пеш мегузоранд, итоат кунад. **3**. *варз.* Варзишгар ё дастае, ки дар мусобиқа яке аз ҷойҳои охиринро ишғол мекунад.

**АУТСО́РСИНГ**, [англ. outsourcing манбаи беруна]. *иқт.* Дар асоси шартнома додани баъзе вазифаҳои истеҳсолӣ ба ширкати дигаре, ки дар ҳамин соҳа кор мекунад; ширкати берунаеро киро кардани ягон ширкат ва ба зиммаи он гузоштани иҷрои баъзе вазифаҳои худ.

**АФА́ЗИЯ**, [юн. aphasia < *а…* бе + phasia нутқ, гап]. *тиб.* Пурра ё қисман гум шудани қобилияти гапзанӣ ва фаҳмидани нутқи шунидашуда дар натиҷаи иллати қишри нимкураҳои калони мағзи сар.

**АФА́КИЯ**, [< юн. *а…* бе phakos наск]. *тиб.* Дар чашм вуҷуд надоштани зуҷоҷия (булӯрак) дар натиҷаи дур кардани оби марворид (*катаракта*) ё ҷароҳати вазнини чашм, баъзан – модарзодӣ; боиси суст шудани қувваи босира мегардад.

**АФАЛИ́НА**, [лот. Aphalina]. *зоол.* Ҳайвони ширхӯри баҳрӣ аз оилаи делфинҳо; дарозиаш то 3,9 м, вазнаш то 280 кг; дар обҳои мӯътадил ва гарм зиндагӣ мекунад; зуд ром мешавад.

**АФЕ́ЛИЙ**, [< юн. apo… дур аз + helios Офтоб]. *астр.* Нуқтаи аз Офтоб дуртарини мадори сайёра, зузанаб (*комета*) ё радифи сунъии Офтоб; муқобили *перигелий.* || Мқс. апоастр, апогей.

**АФЁ́РА**, [фр. affaire]. Кори шубҳаангез; қаллобӣ, фиребгарӣ, маккорӣ.

**АФЕРИ́СТ**, [фр. affairiste]. Қаллоб, фиребгар, маккор.

**АФИ́НА**, [юн. Athena]. Дар асотири юнониёни қадим олиҳаи ҷанги одилона, донишу хирад ва ҳунармандӣ.

**АФИСИ́ДҲО (АФИЦИ́ДҲО)**, [< лот. aphis ширинча + caedo мекушам]. *хим.* Моддаҳои заҳрнок барои нест кардани ширинча. || Мқс. акарисидҳо.

**АФИ́ША**, [фр. affiche]. Эълонномаи кино, спектакл, консерт, маърӯза ва ғ.

**АФОНИ́Я**, [< юн. aphonia гунгӣ, беовозӣ]. *тиб.* Вуҷуд надоштан ё гум шудани овоз дар натиҷаи бемориҳои ҳалқ ё иллатҳои системаи асаб.

**АФОРИ́ЗМ**, [< юн. aphorismos]. Сухани мӯҷази пурҳикмат, ибораи рехтаи пурмазмун, зарбулмасал, андарз.

**АФРИКА́АНС**, [ҳол. afrikaans]. Забони бурӣ; забони гурӯҳи олмонии оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ, яке аз ду забони расмии ҶАҶ (дар қатори забони англисӣ); бо роҳи омехташавии лаҳҷаҳои ҳолландӣ бо забонҳои олмонӣ ва англисӣ пайдо шудааст.

**АФРИКА́НЕРҲО**, [< лот. Africa]. Бурҳо; халқе, ки асосан дар мамлакатҳои Африқои Ҷанубӣ зиндагӣ мекунад; авлоди мустамликадорони ҳолландӣ, фаронсавӣ ва олмонӣ, ба забони *африкаанс* гап мезананд.

**АФРИКАНИ́СТИКА**, [< лот. Africa]. Африқошиносӣ; маҷмӯи илмҳо дар бораи таърих, иқтисод, иҷтимоиёт, илму фарҳанг, адабиёт, забон ва урфу одати халқҳои Африқо.

**АФРОДИ́ТА**, [юн. Aphrodite]. Дар асотири юнониёни қадим – олиҳаи ҳусн ва ишқу муҳаббат.

**АФТЕПА́ТИ, АФТЕРПА́ТИ**, [англ. afterparty]. Чорабинии иловагӣ, ки баъди анҷом ёфтани чорабинии асосӣ сар мешавад, мас., консерт баъди маҷлис, фестивал ва ғ.

**А́ФТҲО**, [юн. affecus]. *тиб.* Обилачаҳои дарднок дар луобпардаи даҳон, баъзан дар маҳбал.

**АФФЕ́КТ**, [лот. affectus]. Ҳаҷони сахт; изтироб; қаҳру ғазаб, ҳолати асабонии шадид; туғёни асаб, ки дар натиҷаи муваққатан аз фаъолият бозмондани қишри мағзи сар рӯй медиҳад.

**АФФЕКТА́ТСИЯ (АФФЕКТА́ЦИЯ)**, [лот. affectatio]. Ҳаяҷони сохта; имову ишораи ғайритабиӣ (хусусан ҳангоми нутқ кардан); аз будаш зиёд карда нишон додани ягон ҳиссиёт. || Мқс. экзалтатсия.

**АФФЕРЕНТӢ**, [< лот. afferens оваранда]. *физиол.* Ба ягон узв интиқолдиҳанда, мас., рагҳои А.; т о р ҳ о и  а с а б и  а ф ф е р е н т ӣ  ( м а р к а з ш и т о б ) – торҳои асабе, ки ангезаҳоро (импулсҳоро) аз бофтаҳо ва узвҳо ба системаи асаби марказӣ бурда мерасонанд. || Мқс. эфферентӣ.

**АФФИДЕ́ВИТ**, [англ. affidavit]. Дар мамлакатҳои англисизабон баёноти хаттие, ки бо қасам хӯрдан тасдиқ карда мешавад.

**А́ФФИКС**, [< лот. affixus часпондашуда]. *збш.* Ванд; он қисми калима, ки ба реша ҳамроҳ шуда, маънои онро тағйир медиҳад; пешванд (*префикс*), пасванд (*суффикс*), миёнванд (*инфикс*) А. ба шумор меравайд.

**АФФИКСА́ТСИЯ (АФФИКСА́ЦИЯ)**, [< лот. affixus часпондашуда]. *збш.* Калимасозӣ бо ёрии *аффиксҳо*.

**АФФИЛИА́ТСИЯ (АФФИЛИА́ЦИЯ)**, [фр. affiliation ҳамроҳ кардан]. **1**. *иқт.* Қабул кардан ба узвияти ягон иттиҳодия, ширкат ба сифати шуъба ё филиал. **2**. *психол.* Майли доимо дар байни одамон будан, хусусан дар вақтҳои тарсу изтироб, таҳдиди хатар ва ғ.

**АФФИНА́Ж**, [фр. affinage поксозӣ]. Яке аз усулҳои тасфия (софкорӣ); гирифтани металлҳои тозаву хушсифат (мас., тилло, нуқра, платина) бо роҳи тоза кардани онҳо аз ҳар хел омехтаҳо.

**АФЮ́Н,** [< юн. apinus < санс. afino]. Тарёк; омехтаи ширaи кӯкнор бо доруҳои дигар, ки аз замонҳои қадим дар тиб истифода мебаранд.

**АХИЛИ́Я**, [юн. achylos бешира]. *тиб.* Дар шираи меъда муваққатан ё доимӣ вуҷуд надоштани *пепсин* (ферменти ҳазмкунанда) ва кислотаи хлорид.

**АХИ́ЛЛ, АХИЛЛЕ́С**, [юн. Achilleys]. **1**. Дар асотири юнониёни қадим паҳлавони далер, писари подшоҳи мимидиён Пелей ва олиҳаи баҳрӣ Фетида, қаҳрамони достони «Иллиада»-и Гомер; мувофиқи ривоят, бадани Ахилл (Ахиллес) фақат як ҷойи нозук доштааст – пошнаи пояш; тири Парис маҳз ба пошнаи Ахилл расида, ӯро куштааст (ибораи «пошнаи ахиллӣ» аз ҳамин ҷост). **2**. *маҷ.* П о ш н а и  а х и л л ӣ – ҷойи нозук, суст, осебпазири ягон кас ё ягон чиз.

**АХИ́МСА, АХИ́НСА**, [санск.]. Худдорӣ аз зӯроварӣ; накӯкор будан ва ба касе зарар нарасондан, ки яке аз принсипҳои фалсафаи қадими шарқ ба шумор меравад.

**АХОЛИ́Я**, [< юн. *а*… бе chole сафро]. *тиб.* Ба рӯдаи дувоздаҳангушта нарафтани сафро (зарда); боиси зардпарвин мегардад.

**АХОНДРОПЛА́ЗИЯ**, [< юн. *а*… бе chondros тағояк + plasma ташаккулёбӣ]. *тиб.* Ақибмонии модарзодии инкишофи устухонҳои дасту пой, сарфи назар аз инкишофи хуби бадан, гардан ва сар.

**АХРОМА́Т**, [< юн. *а*… бе chroma ранг]. Системаҳои оптикие, ки дар онҳо таҳрифи (*аберратсияи*) хроматӣ кам ё бартараф карда шудааст. || Мқс. анастигмат, апланат.

**АХРОМАТИ́Н**, [< юн. achromatos беранг]. *биол.* Моддаи мағзи ҳуҷайра, ки ҳангоми коркарди гистологӣ суст ранг мегирад. Муқобили *хроматин.*

**АХРОМАТӢ**, [< юн. achromatos]. Берангл. || Мқс. дихроматӣ.

**АХРОМАТОПСИ́Я**, [< юн. achromatos беранг + opsis босира]. *тиб.* Рангҳоро фарқ карда натавонистани чашм. || Мқс. далтонизм.

**АХРОМИ́Я**, [< юн. achromatos беранг]. *тиб.* Берангшавии пӯст, паридани ранги пӯст, мас., дар вақти *албинизм.*

**АХТЕРЛЮ́К**, [ҳол. achterluik]. **1**. Яке аке аз сӯрохиҳои (люкҳои) асосӣ дар саҳни киштӣ дар ақиби грот-сутун (сутуни баландтарин), ки барои ба киштӣ бор кардани ҳар хел чизҳо хизмат мекунад. **2**. Анбор дар киштӣ барои нигоҳ доштани чалакҳои нӯшокию хӯрокворӣ.

**АХТЕРПИ́К**, [ҳол. achterpiek]. Ҳуҷраи охирини таҳхонаи киштӣ барои нигоҳдории захираи об, инчунин барои нигоҳдории мувозинати дум ва нӯги киштӣ.

**АТСЕТ (АЦЕТ)…**, [< лот. acetum сирко]. Қисми аввали истилоҳоти химиявӣ, ки ба сирко робита доштанро ифода мекунад, мас., *атсеталдегид.*

**АТСЕТАЛДЕГИ́Д (АЦЕТАЛЬДЕГИ́Д)**, [< *атсет* + *алдегидҳо*]. *хим.* Алдегиди сирко; моеи беранги органикӣ, ки бӯйи тез дорад ($CH_3CHO$); дар ҳарорати 20˚С меҷӯшад; аз он кислотаи сирко ва доруҳои гуногун истеҳсол мекунанд.

**АТСЕТАМИ́Д (АЦЕТАМИ́Д)**, [< *атсет* + *амид*]. *хим.* Кристаллҳои органикии сахти беранг, амиди кислотаи сирко; чун ҳалкунанда дар истеҳсоли чарм, коғаз ва ғ. ба кор бурда мешавад.

**АТСЕТА́ТҲО (АЦЕТА́ТҲО)**, [< лот. acetum сирко]. *хим.* Гурӯҳи пайвастҳои органикӣ – намаку *эфирҳои* кислотаи сирко.

**АТСЕТИЛЕ́Н (АЦЕТИЛЕ́Н)**, [< лот. acetum сирко]. *хим.* Гази беранг ва бадбӯйи карбогидридӣ, ки молекулааш аз ду атоми карбон ва ду атоми гидроген иборат аст; барои кафшер кардани металлҳо, ҳосил кардани полимерҳои сунъӣ, таҷзияи акрилонитрил, атсеталдегид ва ғ. ба кор мебаранд.

**АТСЕТИЛХОЛИ́Н (АЦЕТИЛХОЛИ́Н)**, [< лот. acetum сирко + юн. chole сафро]. *хим.*, *тиб.* Пайвасти органикии азоту оксигендор; интиқолдиҳандаи ангезиши асабҳо.

**АТСЕТИЛСЕЛЛЮЛОЗА (АЦЕТИЛЦЕЛЛЮЛО́ЗА)**, [< *атсет*… + *селлюлоза*]. *хим.* Эфири мураккаби селлюлоза, ки дар натиҷаи ба селлюлоза таъсир расондани ангидриди сирко ҳосил мешавад; барои истеҳсоли наххои атсетатӣ, пластмасса ва ғ. ба кор мебаранд.

**АТСЕТО́Н (АЦЕТОН)**, [< лот. acetum сирко]. *хим.* Пайвасти органикӣ, моеи беранг ($CH_3COCH_3$); барои тайёр кардани ҳалкунандаҳо, локҳо, борути бедуд, атсетилселлюлоза, доруҳои тиббӣ истифода мешавад.

**АТСЕТОНИТРИ́Л (АЦЕТОНИТРИ́Л)**, [< *атсет...* + *нитрил*]. *хим.* Моеи органикии беранг ($CH_3CN$); чун ҳалкунандаи намаки кислотаҳои минералӣ истифода мешавад.

**АТСИДИМЕТРИ́Я (АЦИДИМЕТРИ́Я)**, [< лот. acidus турш + юн. metreo чен мекунам]. *хим.* Усули таҳлили химиявӣ барои муайян кардани миқдори ишқор дар таркиби маҳлули озмоишшаванда бо роҳи ба он ҳамроҳ намудани маҳлули кислота.

**АТСИДО́З (АЦИДО́З)**, [< лот. acidus турш]. *тиб.* Аз ҳад зиёд будани анионҳои (заррачаҳои манфӣ заряднокшудаи) кислотаҳо дар таркиби хун ва бофтаҳои организм.

**АТСИДОФИЛИ́Н (АЦИДОФИЛИ́Н)**, [< лот. acidus турш + юн. phileo дӯст медорам]. Як навъ маҳсулоти ширии парҳезӣ, ки ба ҷурғот монанд аст; ҳангоми вайроншавии мубодилаи моддаҳо, бемориҳои меъда, ҷигар, гурда тавсия карда мешавад. || Мқс. айрон, йогурт, кефир.

**АТСИДОФИ́ЛҲО (АЦИДОФИ́ЛҲО)**, [< лот. acidus турш + *...филҳо*]. *биол.* Организмҳое, ки дар муҳити ниҳоят турш (серкислота) зиндагӣ карда метавонанд, ба монанди халанҷ, тирмис, ушнаи торф, баъзе бактерияҳо.

**АТСИДОФО́БҲО (АЦИДОФО́БҲО)**, [< лот. acidus турш + *...фобҳо*]. *биол.* Организмҳое, ки ба муҳити ниҳоят турш (серкислота) тоб оварда наметавонанд ва фақат дар муҳити туршиаш кам ва ишқорнок инкишоф меёбанд, ба монанди юнучқа, лаблабу, лӯбиё ва растаниҳои дигар.

**АҶИ́КА**, [гурҷ. adzhika]. Хуриши тунде, ки аз алафҳои ҳархела, намак ва қаламфур тайёр карда мешавад.

**АШ**, [миср. қад.]. Дар асотири мисриён яке аз худоҳои қадимтарин, худои биёбонҳои Либия; дар шакли одами уқобсар тасвир карда мешуд.

**АШЕЛӢ**, [< фр. Saint-Aceul номи деҳа дар Фаронса]. Маданияти археологии аҳолие, ки дар ибтидои асри сангин дар Аврупои Ғарбӣ, минтақаи миёна ва қисми ҷанубии Аврупои Шарқӣ (Қрим, Кавказ) маскун буд.

**АЭРА́РИЙ**, [< юн. aer ҳаво]. Майдончаи ҳавохӯрӣ; майдонча ё айвони болокушода барои гирифтани нурҳои офтоб бо мақсади муолиҷа (*аэротерапия*).

**АЭРА́ТСИЯ (АЭРА́ЦИЯ)**, [< юн. aer ҳаво]. **1**. Шамолдиҳӣ, тоза кардани ҳаво, бо ҳавои тоза таъмин намудан ба воситаи таҷҳизоту асбобҳои махсус (мас., дар корхонаҳои саноатӣ, биноҳои истиқоматӣ ва ғ.). || Мқс. вентилятсия. **2**. А э р а т с и я и  х о к – мубодилаи ҳавои хок бо ҳавои берун (атмосферӣ); А.-и хок ба воситаи коркард ва мелиоратсия, инчунин бо тамоми усулҳои беҳтаркунандаи таркиби хок амалӣ карда мешавад. **3**. Ҳаво даровардан ба объектҳои гуногун бо мақсади оксидкунонии моддаҳои органикии дар онҳо вуҷуддошта, мас. дар вақти тоза кардани обҳои нӯшокӣ ва ифлос.

**АЭРБЕ́Г, ЭЙРБЕ́Г**, [англ. aerobag < юн. aer + bag халта]. Дар автомобилҳои муосир – халтаи бо ҳаво пур кардашуда, ки ҳангоми садама ронандаро аз зарба муҳофизат мекунад; болишти бехатарӣ.

**АЭРО**…, [< юн. aer ҳаво]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки маъноҳои зеринро ифода мекунад: ҳаво (мас., аэробионтҳо), авиатсия (мас., аэродром), сабук (мас., аэробика).

**АЭРО́БИКА**, [англ. aerobics < юн. aer ҳаво]. Варзиши (*гимнастикаи*) мавзун; маҷмӯи машқҳои сабуки ҷисмонӣ, ки зери мусиқӣ бо мақсади солимгардонии бадан иҷро карда мешаванд. || Мқс. ритмика.

**АЭРОБИО́НТҲО**, [< *аэро*… + юн. bion ҳаёт]. *биол.* Организмҳое, ки дар хушкӣ зиндагӣ мекунанд. || Мқс. гидробионтҳо.

**АЭРОБИО́С**, [< *аэро*… + юн. bion ҳаёт]. *биол.* Кулли организмҳое, ки дар хушкӣ зиндагӣ мекунанд. || Мқс. гидробиос.

**АЭРОБО́КС**, [< *аэробика*… + *бокс*]. *варз.* Маҷмуи машқҳои варзишӣ, ки дорои унсурҳои *аэробика* ва *бокс* мебошанд.

**АЭРО́БҲО**, [< *аэро*… + юн. bion ҳаёт]. *биол.* Организмҳое, ки фақат дар сурати мавҷуд будани оксигени озод зиста метавонанд; ба А. қариб ҳамаи ҳайвоноту растаниҳо, инчунин бисёр микроорганизмҳо мансубанд. || Мқс. анаэробҳо.

**АЭРОВОКЗА́Л**, [< *аэро*… + *вокзал*]. Бино ё маҷмӯи биноҳо барои хизматрасонӣ ба мусофирони нақлиёти ҳавоӣ.

**АЭРОГЕНӢ**, [< *аэро*… + *генӣ*]. Аз ҳаво пайдошуда; ба воситаи ҳаво паҳншаванда, мас., *сирояти аэрогенӣ.*

**АЭРО́ГРАФ**, [< *аэро*… + *граф*]. Асбобе, ки рангро ба рӯи коғаз, матоъ ва ғ. ба воситаи ҳавои фишурда пош медиҳад. || Мқс. пулверизатор, спрей.

**АЭРОГРА́ФИЯ**, [< *аэро*… + *графия*]. Усули ранг кардани матоъ, сатҳи автомобил ва ғ. бо *аэрограф* (*пулверизатор*) ва ҳавои фишурда.

**АЭРОДИНА́МИКА**, [< *аэро*… + *динамика*]. Соҳаи *аэромеханика*, ки дар он ҳаракату мовозинати ҳаво ва газҳои дигар, инчунин муқовимати онҳо ба ҷисмҳои сахти ҳаракаткунанда омӯхта мешавад. || Мқс. аэростатика.

**АЭРОДИНАМИКӢ**, [< *аэродинамика*]. Марбут бо ҳаракати ҳаво; г а р м ш а в и и  А . – гармшавии ҷисми дар ҳаво ё дар ягон гази дигар ҳаракаткунанда дар натиҷаи бозистодани молекулаҳои газ дар наздикии сатҳи ҷисм; мас., ҳангоми ба атмосфераи Замин бо суръати 8,1 км/с ворид гардидани киштии кайҳонӣ ҳарорати танаи он ба 8000˚С мерасад; қ у в в а и  А . – қувваи таъсири ҳаво ё газҳои дигар ба сатҳи ҷисми сахти дар онҳо ҳаракаткунанда (мас., ба боли ҳавопаймо); м у қ о в и м а т и  А . – қувваи муқовимати газ (мас., ҳаво) ба ҷисми дар он ҳаракаткунанда.

**АЭРОДРО́М**, [< *аэро…* + юн. dromos ҷойи давидан]. Ҷойи махсусе, ки барои истодан, парвоз кардан, нишастан ва таъмиру хизматрасонии техникии ҳавопаймоҳо ва чархболҳо таҷҳизонида шудааст. || Мқс. аэропорт.

**АЭРОЗО́ЛҲО**, [< *аэро…* + *золҳо*]. Системаи дисперсӣ (заррачавӣ), ки аз газ иборат буда, дар он зарраҳои сахт ё моеъ муаллақанд; дуд, туман, чангу ғубор ба А. мансубанд.

**АЭРОЗОЛТЕРАПИ́Я**, [< *аэрозол…* + *терапия*]. *тиб.* Нафас кашидан аз *аэрозоли* доруҳо (растаниҳои шифобахш) барои пешгирӣ ва табобати бемориҳои роҳҳои нафас. || Мқс. ингалятсия.

**АЭРОИОНОТЕРАПИ́Я**, [< *аэро…* + *ионҳо* + *терапия*]. *тиб.* Табобати варами роҳҳои нафас, ҷароҳату захмҳои суст шифоёбанда бо ҳавои ионизатсияшудаи дорудор. || Мқс. аэротерапия.

**АЭРОКЛИМАТОЛО́ГИЯ**, [< *аэрозол…* + *климатология*]. Яке аз бахшҳои иқлимшиносӣ, ки шароитҳои иқлимии *тропосфера* ва *стратосфераро* меомӯзад. || Мқс. аэрология.

**АЭРОКЛУ́Б**, [< *аэро…* + *клуб*]. Ташкилоти ҷамъиятии (клуби) дӯстдорони варзиши ҳавоӣ (парвоз бо воситаҳои парвозкунандаи аз ҳаво вазнинтар, ҷаҳидан бо *парашют* ва ғ.).

**АЭРОЛИ́Т**, [< *аэро…* + *лит*]. Номи кӯҳнаи метеорити сангӣ. || Мқс. хондритҳо, ахондритҳо.

**АЭРОЛИ́ФТ**, [< *аэро…* + *лифт*]. Ҳаволифт; лифти пневматикӣ, ки бо фишори ҳаво кор мекунад.

**АЭРОЛО́ГИЯ**, [< *аэро…* + *логия*]. Яке аз бахшҳои *метеорология* (илми обуҳавосанҷӣ), ки хусусиятҳои гуногуни қабатҳои поён ва миёнаи атмосфера – *тропосфера* ва *стратосфераро* меомӯзад. || Мқс. аэроклиматология.

**АЭРОЛО́ТСИЯ (АЭРОЛО́ЦИЯ)**, [< *аэро…* + *лотсия*]. Тасвири самту роҳҳои ҳавоӣ, *аэродромҳо*, иншооту биноҳои атрофи онҳо; дастуруламал барои рондани воситаҳои парвозкунанда (ҳавопаймоҳо, чархболҳо, дирижаблҳо ва ғ.).

**АЭРОМАГНИТӢ**, [< *аэро…* + *магнитӣ*]. Марбут бо омӯзиши майдони магнитии Замин аз ҳаво; а к с б а р д о р и и А. – усули омӯзиши майдони магнитии Замин дар ҳолати парвоз бо ҳавопаймо дар болои ҳудуди таҳқиқшаванда; ҳангоми ҷустуҷӯи конҳои оҳан ва маъданҳои дигар истифода мешавад.

**АЭРОМАГНИТО́МЕТР**, [< *аэро…* + *магнитометр*]. Асбоби квантӣ ё протонӣ барои чен кардани майдони магнитии Замин аз ҳаво (ба воситаи ҳавопаймо). || Мқс. магнитометр.

**АЭРОМЕХА́НИКА**, [< *аэро…* + *механика*]. Бахши *механика*, ки мувозанат ва ҳаракати газҳо, инчунин таъсири механикии газҳоро ба ҷисмҳои сахти дохили онҳо меомӯзад; ба *аэродинамика* ва *аэростатика* тақсим мешавад.

**АЭРО́Н**, [< юн. aer ҳаво]. **1**. Хӯлаи сабуки *алюминий*, мис ва *кремний*; баъзан ба он *литий* низ ҳамроҳ карда мешавад; дар саноати ҳавопаймосозӣ ва ғ. ба кор мебранд. **2**. *тиб*. Доруи зидди қай; ҳангоми дилбеҳузурӣ дар ҳавопаймо, дар киштӣ (бемории баҳрӣ), инчунин дар вақти дилбеҳузурии занони ҳомила (*токсикоз*) ба кор бурда мешавад.

**АЭРОНАВИГА́ТСИЯ (АЭРОНАВИГА́ЦИЯ)**, [< *аэро…* + *навигатсия*]. Ба воситаи асбобҳои махсус (харита, қутбнамо, радио ва ғ.) муайян намудани роҳи парвози ҳавопаймо, чархбол ва дигар олоти парвозкунанда.

**АЭРОНА́ВТ**, [< *аэро…* + юн. nautes шинокунанда, баҳрнавард]. Ҳавонавард.

**АЭРОНА́ВТИКА**, [< *аэро…* + юн. nautike киштиронӣ]. Ҳавонавардӣ; гурӯҳи фанҳое, ки бо олоти аз ҳаво вазнинтар (мас., ҳавопаймоҳо) ва олоти аз ҳаво сабуктар (мас., *аэростатҳо*) парвоз карданро меомӯзад.

**АЭРОНО́МИЯ**, [< *аэро…* + юн. nomos қонун]. *физ., хим*. Илме, ки қабатҳои болоии атмосфера (*мезосфера, ионосфера, экзосфера*)-ро меомӯзад.

**АЭРООТИ́Т**, [< *аэро…* + *отит*]. *тиб*. Маҳкамшавии дардноки гӯшҳо ҳангоми тағйир ёфтани фишори *барометрӣ* (дар ҳавопаймо, *барокамераҳо* ва ғ.).

**АЭРОПЛА́Н**, [< *аэро…* + фр. planer парвоз кардан]. *куҳна*. Номи пештараи ҳавопаймо. || Мқс. самолёт.

**АЭРОПО́НИКА**, [< *аэро…* + юн. poneo меҳнат мекунам, иҷро мекунам]. Бе хок парвариш кардани растанӣ (дар ҳавои сернам бо ёрии маҳлулҳои ғизонок). || Мқс. гидропоника.

**АЭРОПО́РТ**, [< *аэро…* + *порт*]. Фурудгоҳ; истгоҳи калони нақлиёти ҳавоӣ; *аэродроми* калони доимӣ, ки барои таъмини мусофиркашонӣ ва боркашонӣ таҷҳизоту иншооти зарурӣ дорад.

**АЭРОСИНУСИ́Т**, [< *аэро…* + *синусит*]. *тиб*. Варами луобпардаи ҷавфҳои изофии бинӣ ҳангоми тағйирёбии фишори *барометрӣ*; бо эҳсоси фишор, вазнинӣ ва дарди сахт дар ҷавфи зарардида, инчунин бо дарди сар зоҳир мегардад.

**АЭРОСТА́Т**, [< *аэро…* + *…стат*]. Кураи ҳавоӣ; олати парвозкунанда, ки аз ҳаво сабуктар буда, дарунаш бо газ (гидроген ё гелий) пур карда шудааст. || Мқс. дирижабл.

**АЭРОСТА́ТИКА**, [< *аэро…* + *…статика*]. Яке аз бахшҳои *аэромеханика*, ки мувозинати газҳо ва ба ҷисмҳои сахт таъсир расондани газҳои беҳаракатро меомӯзад. || Мқс. аэродинамика.

**АЭРОТА́КСИС**, [< *аэро… + таксисҳо*]. *биол.* Ҳаракати организмҳои содаи якҳуҷайра ва баъзе организмҳои серҳуҷайра ба сӯйи манбаи оксиген ё аз манбаи оксиген ба тарафи муқобил.

**АЭРОТА́НК**, **АЭРОТЕ́НК**, [< *аэро…* + англ. tank зарф]. Иншоот барои тоза кардани обҳои ифлос бо роҳи оксидкунонии онҳо бо микроорганизмҳо; барои бо оксиген таъмин кардани микроорганизмҳо ба А. ҷараёни ҳаво сар дода мешавад. || Мқс. метатенк.

**АЭРОТЕРАПИ́Я**, [< *аэро… + терапия*]. *тиб.* Ҳаводармонӣ, ҳавопизишкӣ; табобат ё пешгирии баъзе бемориҳо бо роҳи истироҳат ва сайр кардан дар ҳавои тоза.

**АЭРОТО́РИЯ**, [< *аэро… + територия*]. Фазои болои аэродром ва атрофи он, ки дар ҳудуди он ҳавопаймоҳо ё дигар олоти парвозкунанда фуруд меоянд ва мепаранд.

**АЭРОФИ́ЛТР (АЭРОФИ́ЛЬТР)**, [< *аэро… + филтр*]. Полоишгоҳ; половани (филтри) биологӣ; иншоот барои тоза кардани обҳои ифлос бо ёрии ҳаво.

**АЭРОФОТОГРАММЕ́ТРИЯ**, [< *аэро… + фотограмметрия*]. Усулҳои чен кардани объектҳои гуногун ва тартиб додани нақшаи маҳал дар асоси суратҳои аз ҳавопаймо гирифташуда.

**АЭРОФОТОГРА́ФИЯ**, [< *аэро… + фотография*]. Гирифтани сурати сатҳи замин аз ҳавопаймо бо мақсади харитасозӣ, тартиб додани нақшаи маҳал ва ғ.

**АЮРВЕ́ДА**, [санск. илми ҳаёт]. Таълимоти ҳиндуёни қадим дар бораи солимгардонии тан ва рӯҳ, ягонагии равон ва бадан.

**АЯ́КСҲО**, [лот. Ajax]. **1**. Дар асотири юнониёни қадим – ду нафар қаҳрамони Ҷанги Троя, дӯстони қарин, ки дар ҳайати лашкари юнониён бар зидди троягиҳо ҷангидаанд. **2**. *маҷ.* «Д у  а я к с» - ду дӯсти ҷонӣ.

# Б

**БАББИ́ТҲО,** [аз номи ихтироъкори амрикоӣ А. Баббит]. Ҳӯлаҳои металлие, ки асоси онҳоро қӯрғошим ё қалъагӣ ташкил медиҳад; ба соиш тобовар буда, барои ётоқонҳо (подшипникҳо) ва қисмҳои соишхӯрандаи мошинҳо истифода мешавад.

**БАБЕЗИО́ЗҲО**, [< *бабезия*]. *байт.* Бемориҳои вазнини чорвои калони шохдор ва гӯсфандон; барангезандагони онҳо содатаринҳое (*бабезияҳое*) мебошанд, ки дар хун муфтхӯрӣ мекунанд.

**БАБЕ́ЗИЯ**, [аз номи олими руминӣ В. Бабеш]. *зоол.* Ҷинси ҳайвоноти содатарин аз синфи саркодҳо, ки дар хуни чорвои калони шохдор, асп, хук, гӯсфанд ва саг муфтхӯрона зиндагӣ карда, боиси бемориҳои вазнин – *бабезиозҳо* мегарданд.

**БАБИРУ́ССА**, [лот. babyrussa]. *зоол.* Ҳайвони ширхӯри ҷуфтсум аз оилаи хукҳо, ки дар ҷангалҳои серботлохи ҷаз. Сулавеси ва минтақаҳои атрофи он (Индонезия) зиндагӣ мекунад; дарозиаш то 1 м.

**БАБУВИ́ЗМ**, [аз номи Г. Бабёф (Babeuf, 1760-1797)]. *фалс.* Таълимоти коммунист-утописти франсавӣ Г. Бабёф ва пайравони ӯ; Бабёф ғояи баробарии иҷтимоӣ ва бо роҳи табаддулот таъмин намудани онро пешниҳод менамуд.

**БАБУИ́Н**, [фр. babouin]. *зоол.* Маймун аз ҷинси *павианҳо*; дар даштҳо ва минтақаҳои кӯҳии Африқои Марказӣ ва Шарқӣ зиндагӣ мекунад.

**БАГ**, [< англ. bug кана, гамбуск]. *инф.* Хато, ғалат, иштибоҳ дар кори компютер ё маҳсулоти барномавӣ.

**БАГА́Ж**, [фр. bagage]. **1**. Боре, ки дар вақти сафар бо худ мегиранд; бағоҷ. **2**. *маҷ.* Захираи дониш, маҳорат, малака, таҷриба.

**БАГАТЕ́Л (БАГАТЕ́ЛЬ)**, [фр. bagatelle]. Пйессаи хурди мусиқӣ одатан барои фортепяно, ки иҷро намуданаш чандон душвор нест.

**БАГАУ́ДҲО**, [келт.]. Иштирокчиёни ҳаракати озодихоҳӣ дар Галлия ва Испанияи Шимолӣ дар асрҳои 3 – 5 ба муқобили ҳокимияти Рим.

**БА́ГГИ**, [англ. baggy]. Автомобили як ё дуҷоя барои пойга дар ҷойҳои ноҳамвор.

**БАГТРЕ́КЕР**, [англ. bug tracker]. *инф.* Барномаи компютерие, ки барои тасбит ва мониторинги хатоҳои таъминоти барномавӣ хизмат мекунад.

**БА́ИНГ**, [англ. buying]. Дар фаъолияти рекламавӣ – хариди яклухти вақт ва майдони реклама дар рӯзномаҳо, маҷаллаҳо, лавҳаҳои кӯчагӣ ва сипас фурӯхтани онҳо ба агентҳои реклама.

**БАДДЕЛЕЙ́Т**, [аз номи кашшофи ин маъдан Y. Baddeleu]. Дуокисаи *сирконий*; маъдане, ки аз он сирконий ҳосил карда мешавад.

**БАДМИНТО́Н**, [аз номи ш. Бадминтон дар Англия]. *варз.* Бозии варзишии як ба як ё ду ба ду бо тӯбчаи пардор (*волан*) ва *ракеткаҳо*.

**БА́ЗА**, [фр. base < юн. basis]. **1**. Асоси ягон чиз. **2**. *меъм.* Асос, поя, такягоҳи поёнии сутун. **3**. *ҳарб.* Қисмҳои ҳарбӣ, маҷмӯи иншооти махсуси техникӣ, аэродромҳо, воситаҳои алоқа, захираҳои тӯпу аслиҳа ва маҳалле, ки ҳамаи инҳо дар он ҷойгир шудаанд; фаъолияти ҳамарӯза ва амалиёти ҷангии қувваҳои ҳарбиро таъмин мекунанд. **4**. Ташкилоте, ки бо таъминот ё хизматрасонӣ машғул аст, мас., Б. сайёҳӣ. **5**. Анбор. **6**. *тех.* Масофаи байни тирҳои чархҳои вагони роҳи оҳан, автомобил ва ғ. **7**. Базаи маълумот – махзани маълумот; маҷмуи маълумот барои нигоҳдорӣ, коркард ва истифода бо компютер, ки дар хотираи компютер бо тартиби муайян ҷойгир карда шудааст; барои таҳия ва воридсозии Б.-и маълумот системаи идораи Б.-и маълумот (СИБМ) истифода бурда мешавад, ки он аз воситаҳои гуногуни забонӣ ва барномавӣ иборат аст; **8**. Яке аз се *электроди транзистор*.

**БАЗАВӢ**, [< юн. basis]. Асосӣ; қисми (детали) базавӣ – қисми (*детали*) асосие, ки васлу насби дастгоҳ ё таҷҳизот аз он сар мешавад.

**БАЗАЛӢ**, [< юн. basis]. *биол.* Асосӣ, мансуб ба асос (*базис*); дар поя, дар зери поя, дар наздикии поя (асос) воқеъшуда.

**БАЗА́ЛТ (БАЗА́ЛЬТ)**, [< лот. basaltes]. *геол.* Ҷинси кӯҳии резаи аз вулқон пайдошудае, ки асосан аз плагиоклаз, авгит, баъзан оливин иборат аст, рангаш одатан сиёҳ ё хокистарӣ; чун масолеҳи сохтмонӣ истифода мешавад. || Мқс. гиалобазалт, долерит, тахилит.

**БАЗАЛТӢ**, [< *базалт*]. *геол.* Қабати базалтӣ – қабати поёнии қишри замин, ки дар байни сатҳи Конрада (ҳамсарҳад бо қабати хоро) ва сатҳи Мохоровичич (ҳамсарҳад бо мантия) ҷойгир шудааст.

**БАЗЕ́ДОВ**, [< ол. Basedow]. *тиб.* Бемории Базедов – яке аз намудҳои бемории ҷоғар; дар натиҷаи тироксинро аз ҳад зиёд ҷудо кардани ғадуди сипаршакл пайдо

мешавад; бо тез-тез задани набз, калон шудани ғадуди сипаршакл (ҷоғар), алошавии чашм, лоғаршавӣ, зуд хаста шудани бадан, тахикардия зоҳир мегардад; аввалин маротиба табиби олмонӣ Базедов кашф намудааст ва номаш аз ҳамин ҷост.

**БАЗИДИОМИСЕ́ТҲО (БАЗИДИОМИЦЕ́ТҲО)**, [*базидия* + юн. mykes занбурӯғ]. *биол*. Синфи замбурӯғҳои олие, ки узвҳои махсуси афзоиш – базидияҳо доранд (зиёда аз 30 ҳаз. намуд). Бисёре аз Б. хӯрданибобанд, баъзеашон заҳрнок буда, боиси бемориҳои растаниҳо ва одамон мегарданд. ‖ Мқс. аскомисетҳо.

**БАЗИ́ДИЯ**, [< юн. basidion пояча, таҳкурсича]. *биол*. Узви афзоиши *базидиомитсетҳо*, ки одатан аз чор *спораи* якҳуҷайрагӣ иборат аст.

**БАЗИЛИ́К**, [фр. basilic]. *бот*. Нозбӯй; ҷинси буттаҳо ё нимбуттаҳо аз оилаи лабгулон (тақр. 150 намуд), ки дар тропикҳо ва субтропикҳо паҳн шудаанд; баъзе намудҳои онро ба сифати растаниҳои шифобахш, хушбӯйкунанда ва лаззатфизо парвариш мекунанд.

**БАЗИЛИ́КА**, [лот. basilica < юн. basilike хонаи подшоҳӣ]. *меъм*. Иморати росткунҷае, ки аз якчанд қатори сутунҳо (*нефҳо*) иборат аст; қаторсутунҳои мобайнӣ (асосӣ) аз қаторсутунҳои паҳлӯӣ баландтаранд; дар Рими қадим бинои судҳо дар шакли Б. сохта мешуд, баъдтар ин усули меъморӣ ҳангоми сохтани калисоҳои насронӣ ва биноҳои маъмурӣ васеъ истифода гардид.

**БАЗИПЕТАЛӢ**, [< юн. basis асос + лот. peto равон мешавам]. *бот*. Инкишофи (сабзиши) базипеталӣ – сабзиш ва инкишофи навдаҳои паҳлӯии растаниҳо аз қуллаи растанӣ ба тарафи поя; баръакси акропеталӣ.

**БА́ЗИС**, [< юн. basis асос]. **1**. Асос, таҳкурсӣ, поя. **2**. *фалс*. Маҷмуи муносибатҳои истеҳсолии ҷамъиятӣ, ки дар асоси онҳо болосохти (надстройкаи) ҷамъият ташаккул меёбад. **3**. *геод*. Хати рости бевосита дар маҳал ченкардашавандае, ки ба воситаи он дарозии тарафҳои секунҷаҳо ва координатаҳои нуқтаҳои маҳал муайян карда мешавад.

**БАЗОФИЛИ́Я**, [< юн. basis асос + phileo дӯст медорам]. *хим*. Қобилияти рангҳои ишқорӣ гирифтани ҳуҷайраҳо ва бофтаҳои ҳайвонот ва растаниҳо. ‖ Мқс. асидофилия.

**БАЗОФИ́ЛҲО**, [< юн. basis асос + phileo дӯст медорам]. *хим., физиол*. Лейкоситҳое, ки доначаҳои *ситоплазмаи* ҳуҷайраҳояшон бо рангҳои дорои хусусияти ишқорӣ рангин шудаанд.

**БАЗУ́КА**, [англ. bazooka]. *ҳарб*. Дар артиши ИМА ва баъзе мамлакатҳои дигар – аслиҳаи реактивии дастии зиддитанкӣ.

**БАЙДА́РА**, [эск.]. Завраqи белдори чукчаҳо, корякҳо ва эскимосҳо, ки ба танаи он пӯсти *морж* кашида шудааст.

**БАЙДА́РКА**, [эск. *байдара*]. Завраqи борику сабуки дорои белҳои дупаррагӣ, ки дар мусобиқаҳои варзишӣ ва сайёҳӣ истифода мешавад.

**БАЙК**, [англ. bike]. **1**. Мототсикл. **2**. Велосипед.

**БА́ЙКА**, [< ҳол. baai]. Матои мулоими патноки пахтагӣ, ки барои дӯхтани либосҳои занона ва кӯдакона истифода мешавад.

**БА́ЙКЕР-КРОСС**, [англ. biker cross < bike мототсикл + cross пойга]. Пойга бо велосипед дар роҳҳои ноҳамвори кӯҳӣ.

**БА́ЙКЕРҲО**, [англ. biker < bike мототсикл]. Ҷавонони қайсару бодии одатан шаҳрие, ки ошиқи мототсиклронии босуръатанд; Б. ба гурӯҳҳо муттаҳид мешаванд, сарвари худро доранд ва бо тарзи либоспӯшии худ (курткаҳои чармин, тасма, сарбанд, айнаки сиёҳ ва ғ.) фарқ мекунанд. || Мқс. рокер.

**БАЙК-ҶА́МПИНГ (БАЙК-ДЖА́МПИНГ)**, [англ. bike jymping]. *варз*. Ҷаҳидан бо велосипед аз *трамплин*; *маунтинбайк* низ гӯянд.

**БАЙК-ШО́У**, [англ. bike show < bike мототсикл + show намоиш, тамошо]. Намоиши дилхушкунандаи байкерҳо, ки ҳангоми он байкерҳо маҳорати чобуксаворechoии худро намоиш медиҳанд.

**БА́ЙТ**, [англ. byte]. *инф*. Воҳиди ченаки миқдори иттилоот ҳангоми нигоҳдорӣ, интиқол ва коркарди он дар компютер; аз 8 бит иборат аст, одатан 1 Б. барои ифода намудани ҳарфҳо ё ду рақам кофӣ мебошад; воҳидҳои калони он – *килобайт, мегабайт* ва *гигабайт*.

**БАЙХӢ**, [< хит. bai hua гули сафед]. Ч о й и б а й х ӣ – чойи хока, пресснашуда.

**БАЙ-ХУ**, [хит. паланги сафед]. Дар асотири хитоиён – даррандае, ки қувваҳои бадкирдору разилро метарсонад, нопокиҳоро дур месозад ва ба рушди илму маърифат ёрӣ мерасонад.

**БАК**[1], [ҳолл. bak тағора]. Қисми пеши саҳни болои киштӣ.

**БАК**[2], [фр. bac]. Чалак, чова, зарфи калон барои моеъ. || Мқс. бидон, бочка, фляга.

**БАК**[3], [англ. buck тағора]. *гуфт*. Доллар. || Мқс. бакс.

**БАКАЛА́ВР**, [лот. baccalaureus]. **1**. Дар баъзе мамлакатҳо – дараҷаи аввали илмӣ, ки баъди хатми мактаби олӣ дода мешавад. **2**. Дар Фаронса ва як қатор мамлакатҳои диг. – шахсе, ки мактаби миёнаро хатм кардааст.

**БА́КАН**, ниг. *бакен.*

**БАКАУ́Т**, [ҳол. pokhout дарахти оҳанин]. *бот*. Дарахти минтақаи тропикӣ, ки чӯбаш хеле сахту хушбӯй буда, дар мошинсозӣ, корҳои лабораторӣ ва тиб истифода мешавад.

**БАКЕЛИ́Т**, [аз номи ихтироъкор ва химики амрикоӣ Л. Бакеланд (L. Backeland)]. Яке аз номҳои қатрони феноло-формалдегидӣ; номи пештараи *резол*.

**БА́КЕН**, [ҳол. baken]. Аломати огоҳкунанда дар дарёҳо, кӯлҳо ва ғ барои нишон додани ҷойҳои хатарнок ва пастоб.

**БАКЕНБА́РД**, [ол. Backenbart < Backe рухсора + Bart риш]. Риши бари рӯй, рише, ки фақат дар рухсора мемонанд, на дар манаҳ.

**БАККАРА́**[1], [фр. Baccarat]. Яке аз навъҳои пурқимати булӯр; маснуоти заводи асбобҳои булӯрии шаҳри Баккараи Фаронса.

**БАККАРА**[2], [фр. baccara]. Як навъ қиморбозӣ бо қарта.

**БАКЛА́ГА**, [тотор. baklak]. Зарфи на чандон калони обгирӣ, ки даҳонаш танг буда, бо пӯк ё сарпӯши тобхӯранда маҳкам мешавад.

**БАКЛАЖКА,** [< *баклага*]. – Баклагаи хурд; ҳоло зарфҳои пластикии нӯшобаҳоро чунин меноманд.

**БА́КС**, [англ. bucks хараке, ки дар болои он чӯб арра мекунанд]. Дар аввал пули даҳдоллариро, аз сабаби он ки дар рӯяш аломати X (шабеҳ ба харак) тасвир шуда буд, ҳамин тавр меномиданд, ҳоло дар гуфтугӯ ҳамаи долларҳои америкоиро Б. меноманд.

**БАКТЕРИЕМИ́Я**, [ < юн. bakteria чӯбча + haima хун]. Дар хун вуҷуд доштани бактерияҳо; ба баъзе бемориҳои вазнин (мас., домана) бурда мерасонад.

**БАКТЕРИО́ЗҲО**, [ < юн. – ниг. *бактерия*]. *бот.* Бемориҳои растанӣ, ки аз таъсири бактерияҳо пайдо мешаванд.

**БАКТЕРИО́ЛИЗ**, [ < юн. bakteria + lysis ҳалшавӣ]. *биол.* Ҳал ва нобуд шудани бактерияҳо дар организм бо таъсири омилҳои физикӣ ва химиявӣ.

**БАКТЕРИОЛИЗИ́НҲО**, [ < юн. bakteria + lysis ҳалшавӣ]. *биол.* Ҷисмҳои бегонае, ки ҳангоми ба организм даромадани бактерияҳо пайдо шуда, онҳоро ҳал ва нобуд менамоянд.

**БАКТЕРИОЛО́ГИЯ**, [*бактерия* + *…логия*]. Бактерияшиносӣ; илм дар бораи бактерияҳо.

**БАКТЕРИОСИ́НҲО (БАКТЕРИОЦИ́НҲО)**, [< юн. bakteria + caedo мекушам]. *мкб.* Моддаҳои зиддибактериявии аз бактерияҳо ҳосилшуда.

**БАКТЕРИОСКОПИ́Я**, [*бактерия* + *…скопия*]. Тадқиқи бактерияҳо бо ёрии заррабин (*микроскоп*).

**БАКТЕРИОСТА́З**, [< юн. bakteria + stasis бозистӣ]. *биол.* Бозистии инкишоф ва афзоиши бактерияҳо бо таъсири омилҳои номусоиди физикӣ, химиявӣ ва биологӣ.

**БАКТЕРИОТРОПИ́НҲО**, [<юн. bakteria + trope гардиш, ивазшавӣ]. *биол. тиб.* Ҷисмҳои бегонае, ки дар зардоби хуни ҳайвон ва одам ҳангоми бемориҳои сироятӣ пайдо мешаванд.

**БАКТЕРИОФА́Г**, [< юн. bakteria + phagos нобудкунанда]. *мкб*. Вирусе, ки бактерияҳоро нобуд мекунад. || Мқс. актинофаг.

**БАКТЕРИСИДӢ**, [< юн. bakteria + лот. caedere куштан]. Д о р у ҳ о и б а к т е р и с и д ӣ – доруҳои бактериякуш.

**БАКТЕРИУРИ́Я**, [< юн. bakteria + uron пешоб]. *тиб*. Бо пешоб хориҷ шудани бактерияҳо. || Мқс. албуминурия, гематурия.

**БАКТЕ́РИЯ**, [< юн. bakteria чӯбча]. Яке аз намудҳои микроб; организмҳои ниҳоят хурди одатан якҳуҷайрагие, ки онро фақат бо заррабин (*микроскоп*) дидан мумкин аст; Б. ғилофак (пардаи рӯйпӯш) дорад, вале ядрои ҳуҷайрагӣ надорад, бо роҳи тақсимшавӣ афзоиш меёбад; Б.-ҳо дар табиат бисёр паҳн шудаанд, пӯсиш ва туршшавиро ба вуҷуд меоранд; баъзе намудҳои Б. дар кишоварзӣ, саноати хӯрокворӣ, чармгарӣ ва ғ. истифода мешаванд; Б.-ҳои патогенӣ (бемориовар) низ ҳастанд, ки сабабгори пайдошавии бисёр бемориҳо (сил, домана, вабо ва ғ.) мегарданд.

**БАКТЕРИЯВӢ**, [< *бактерия*]. Мансуб ба бактерия; н у р и ҳ о и б а к т е р и я в ӣ – доруҳое, ки дар таркибашон микроорганизмҳои барои зироат фоиданок доранд, мас., нитрагин; ба хок якҷоя бо тухмӣ мепошанд.

**БА́КУФУ**, [< яп.]. Ҳукумати се сулолаи сегунҳо дар Япония (аз охири асри XII то соли 1867); сегунат низ гӯянд.

**БАКШТЕ́ЙН**, [< ол. Backstein хишт]. Навъи панири серравғани ҳолландӣ.

**БАЛ**, [фр. bal]. Шаби рақс; базми рақсу мусиқӣ.

**БАЛАЛА́ЙКА**, [рус.]. **1**. Асбоби сетори мусиқии русӣ. **2**. *маҷ*. Сафсатафурӯш, ҳарзагӯй, лаққӣ.

**БАЛАНС**[1], [фр. balance тарозу]. **1**. Тавозун, баробарӣ, баробарвазнӣ, мувозанат, мутаносибӣ; таносуби нишондиҳандаҳои бо якдигар алоқаманди ин ё он фаъолият ё раванд; б а л а н с и (т а в о з у н и) с а в д о – таносуби ворид ва хориҷ намудани молу маҳсулот; б а л а н с и (т а в о з у н и) г а р м ӣ – баробарии захираҳои мавҷудаи гармӣ бо сарфи онҳо; б а л а н с и (т а в о з у н и) о б – таносуби пайдошавӣ ва сарфи об (дар натиҷаи боришот, обшавии барф, бухоршавӣ ва ғ.). **2**. *мол*. Ҷамъбасти муқоисавии даромаду хароҷот, мас., Б-и солона; б а л а н с и (т а в о з у н и) м у ҳ о с и б ӣ – нишондиҳандаҳои ҷамъбастие, ки таркиб, ҷойгиршавӣ, манбаъҳо ва таъйиноти воситаҳои корхонаро дар давраи муайяни ҳисоботӣ бо ифодаи пулӣ инъикос мекунанд.

**БАЛА́НС**[2], [фр. balance ]. Қисми ҳалқашакли механизми соат, ки гашти онро танзим менамояд; *балансир* низ гӯянд.

**БАЛА́НС**[3], [фр. balance ]. Ғӯлаҳои аз пӯстлох тоза кардашуда, ки аз онҳо *селлюллоза* тайёр мекунанд.

**БАЛАНСИ́Р**, [фр. balancer ]. **1**. Фишанги дукитфаи алвонҷхӯрандае, ки ба ин ё он қисми дастгоҳ ё таҷҳизот ҳаракати бозгарданда медиҳад (дар тарозу, насосҳо, дастгоҳҳои чоҳканӣ ва ғ.). **2**. Ниг. *баланс*[2] . **3**. Ходаи дарозе, ки ба воситаи он дорбоз дар болои дор мувозинаташро нигоҳ медорад.

**БАЛАНТИ́ДИЯ**, [< лот. Balantidium coli]. *зоол.* Ҷонвари содатарин аз оилаи инфузорияҳо, ки дар организми одам ва ҳайвонот муфтхӯрона зиндагӣ карда, боиси бемории *балантидиоз* мегардад.

**БАЛАНТИДИО́З, БАЛАНТИДИА́З**, [< *балантидия*]. *тиб., байт.* Бемории хук ва одам, ки барангезандааш *балантидияҳо* мебошанд; бо вайроншавии кори рӯдаҳо зоҳир мегардад.

**БАЛА́ТА**, [исп. balata]. *бот.* Дарахте аз оилаи дупаллаҳо, ки дар Амрикои Ҷанубӣ мерӯяд; аз ширааш қатрон тайёр мекунанд.

**БАЛБО́А (БАЛЬБО́А)**, [англ. balboa ]. Воҳиди пули Панама, ки ба 100 сентесимо баробар аст.

**БАЛДАХИ́Н**, [ит. baldacchino чодир]. **1**. Чодир, соябони бошукӯҳ. **2**. Чавкандӣ; шипанг; иморати аз чӯб ё оҳан дар болои чор сутун сохташуда.

**БАЛЕРИ́НА**, [ит. ballerina < лот. ballo мерақсам]. Раққосаи балет.

**БАЛЕ́Т**, [фр. ballet, ит. balletto <лот. ballare рақсидан]. **1**. Намуди санъати мусиқӣ-театрӣ, ки ба рақс, мусиқӣ ва драматургия асос ёфтааст. **2**. Намоиши театрии сужетдор, ки мазмуни он бо рақс, мусиқӣ ва имову ишора ифода карда мешавад.

**БАЛЕТМЕ́ЙСТЕР**, [ол. Balletmeister < фр. ballet + ол. Meister устод]. Басаҳнагузорандаи *балетҳо*, рақсҳо, намоишҳои хореографӣ ва рақсӣ.

**БАЛЕТОМА́Н**, [< фр. ballet + *...мания*]. Ошиқи *балет*; мухлиси ашаддии *балет.*

**БАЛЗА́М (БАЛЬЗА́М)**, [< юн. balsamon]. **1**. Равғани баласон. **2**. Шираи хушбӯи баъзе растаниҳо, ки қатрон ва равғани эфирӣ дошта, ҳамчун воситаи зидди пӯсиш ба кор бурда мешавад. **3**. Қиёми гиёҳҳои шифобахш. **4**. *маҷ.* "Марҳами ҷон".

**БАЛЗАМИ́Н (БАЛЬЗАМИ́Н)**, [юн. balsamine]. *бот.* Дарахти баласон; гули ҳино.

**БАЛИ́Қ**, [тотор., турк. моҳӣ]. Гӯшти ба таври махсус дуддодашудаи моҳӣ ё чорво.

**БА́ЛКЕР**, [англ. bulker]. Киштии махсус барои кашондани борҳои гуногун (ангишт, маъдан, ғалла ва ғ.). || Мқс. баржа, танкер.

**БАЛКО́Н**, [фр. balcon, ит. balcone]. **1**. Пешайвон дар ошёнаҳои болоии иморатҳои серошёна. **2**. Қабати болоӣ ё миёнаи толори театр. || Мқс. амфитеатр.

**БАЛЛ**, [фр. balle тӯб]. **1**. Воҳиди баҳодиҳӣ ба дараҷа ё қувваи ягон ҳодиса, мас., заминҷунбӣ. **2**. Баҳои рақамӣ ба натиҷаҳои хониш, озмун, мусобиқаҳои варзишӣ ва ғ.

**БАЛЛА́ДА**, [фр. ballade < лот. ballare рақсидан]. **1**. Қисса, манзума, достон одатан дар мавзӯъҳои таърихӣ ё ривоятӣ. **2**. Асари созию овозӣ (романс, пйеса барои фортепяно, оркестр), ки хусусияти тавсифӣ, фантастикӣ ё драмавӣ дорад.

**БАЛЛА́С**, [англ. ballas]. Яке аз навъҳои алмос.

**БАЛЛА́СТ**, [ҳолл. ballast]. **1**. Сангреза ё рег, ки ба пуштаи роҳи оҳан бо мақсади мустаҳкам кардани *шпалаҳо* рехта мешавад. **2**. Бори махсус барои танзими баландии парвози олоти ҳавопаймо; сарборӣ. **3.** Боре, ки мувозинат ва ҳаракати киштиро дар об танзим менамояд. **4**. *мач*. Каси (чизи) барзиёд, бори гарон, «дарди сар».

**БАЛЛИ́СТА**, [лот. ballista < юн. ballo мепартоям]. *таър*. Манҷаник; олате, ки бо он ба қалъаи душман санг, ғӯла ё чалакҳои нафти сӯзон мепартофтанд; *катапулта* низ гӯянд.

**БАЛЛИ́СТИКА**, [ол. Ballistik < юн. ballo мепартоям]. Илм дар бораи қонунҳои парвози снаряди тӯп, тир, ракета ва ғ.

**БАЛЛИСТИКӢ**, [< юн. ballo мепартоям]. Мансуб ба *баллистика*; мансуб ба парвози ҷисми идоранашаванда бо таъсири вазнинӣ ва соиш; ракетаи баллистикӣ – ракетае, ки баъди сар дода шуданаш аз рӯйи маҳруки (*траекторияи*) Б. парвоз мекунад; маҳруки (траекторияи) баллистикӣ – маҳруки (траекторияи) ҳаракати ҷисми озодона партофташуда фақат бо таъсири қувваи вазнинӣ.

**БАЛЛИСТИ́Т**, [фр. ballistie]. Навъи махсуси борути бедуд, ки аз омехтаи *пироксилин* ва *нитроглитсерин* иборат аст.

**БАЛЛО́Н**, [фр. ballon]. **1.** Зарфи шишагии гардантанг. **2**. Зарфи даҳонпӯшида барои нигоҳ доштани моеот ва газ. **3**. Қисми резинии чархи автомобил, ки бо ҳаво пур карда мешавад. **4**. Пардаи газногузари *аэростат*.

**БАЛЛОНЕ́Т**, [фр. ballonet]. Камераи бо ҳавои фишурда пуркардашуда барои ғарқ нашудани чархбол дар мавриди маҷбуран фуруд омадани он дар рӯйи об.

**БАЛЛОНӢ**, [< *баллон*]. Мансуб ба баллон; астрономияи баллонӣ – тадқиқоти астрономӣ ба воситаи аэростатҳое, ки ба баландии 20-40 км бардошта шудаанд.

**БАЛНЕОЛО́ГИЯ (БАЛЬНЕОЛО́ГИЯ)**, [ол. Balniologie < лот. balneum гармоба, оббозӣ +юн. logos илм, таълимот]. *тиб*. Соҳаи тиб, ки таркиби химиявӣ ва хусусиятҳои табобатии обҳои маъданӣ, инчунин тарзу усули бо ин обҳо муолиҷа карданро меомӯзад.

**БАЛНЕОТЕРАПИ́Я (БАЛЬНЕОТЕРАПИ́Я)**, [< лот. balneum гармоба, оббозӣ + *терапия*]. *тиб*. Муолиҷа бо обҳои маъданӣ ва лойҳои шифобахш; яке аз соҳаҳои *балнеология*.

**БАЛЮСТРА́ДА**, [фр. balustrada]. Тавораи полкона, пешайвон, зина, ки аз қатори сутунчаҳо иборат аст.

**БАМ**, [рус. ихтисораи Байкало-Амурская магистраль]. Сохтмони бузурги роҳи оҳан ва дигар корхонаҳои саноатӣ дар Шарқи Дур (дар мавзеи байни кӯли Байкал ва дарёи Амур), ки дар давраи шӯравӣ оғоз шуда буд.

**БАМБУ́К**, [фр. bamboo < мал. bambu]. *бот.* Қамиши сахти чӯбмонанди буғумдор ва ковок, ки дар кишварҳои тропикӣ ва субтропикӣ мерӯяд (тақр. 600 намуд); баландиаш то 40 м, қутри танааш то 30 см; аз он иморатҳои сабук, шасти моҳидорӣ, зарф, мизу курсӣ ва дигар асбобҳои рӯзгор месозанд.

**БАМБУКӢ**, [< *бамбук*]. Мансуб ба бамбук; аз бамбук сохташуда; хирси бамбукӣ – ҳайвони ширхури нодир аз оилаи енотҳо, ки дар ҷангалҳои кӯҳии Хитой зиндагӣ мекунад; дарозии баданаш то 1,8 м; хӯрокаш – навдаҳои наврустаи бамбук.

**БА́МИЯ**, [лот. bamia]. *бот.* Гиёҳе аз оилаи тугмачагулҳо, ки дар Африқои Шарқӣ мерӯяд; аз тухмаш нӯшокии қаҳвамонанд тайёр мекунанд.

**БА́МПЕР**, [фр. bumper]. *тех.* Қисми зарбагардони автомобил, ки аз масолеҳи махсуси бадошт сохта шудааст; аз пеш ва қафои автомобил насб карда мешавад. || Мқс. буфер.

**БАН**[1], [рум. ban]. Пули майдаи (тангаи) Руминия, ки ба 1/100 лей баробар аст.

**БАН**[2], [серб., хорв.]. Дар Хорватия аз асри X то с. 1921 ворисии шоҳ, сардори қувваҳои мусаллаҳ.

**БАНАЛИТЕ́Т**, [фр. banalite]. Дар Аврупои Ғарбии замонҳои феодалӣ – ҳуқуқи сенйор ба соҳибӣ кардани молу мулки ҷамъиятӣ (мас., осиёб); деҳқонон барои истифода бурдани ин моликият музди муайян медоданд.

**БАНА́Н**, [исп. banano]. **1**. Растании қадбаланди тропикӣ, ки баргҳои калон ва меваҳои дарозрӯяи ширин дорад (зиёда аз 40 намуд); дар минтақаҳои тропикӣ ва субтропикии Осиё, Австралия ва Амрикои Лотинӣ мерӯяд. **2**. Меваи чунин растанӣ.

**БА́НДА**[1], [ит. banda гурӯҳ, даста]. Гурӯҳи роҳзанон, ҷинояткорон.

**БА́НДА**[2], [ит. banda]. *мус.* Оркестри асбобҳои мисии нафасӣ, ки дар баъзе операҳо барои навохтан дар саҳна ё дар паси саҳна истифода мебаранд. || Мқс. ҷаз-банд.

**БАНДА́Ж**, [фр. bandage]. **1**. Миёнбанд, шикамбанди махсус барои дар ҳолати дуруст нигоҳ доштани узвҳои даруни шикам ё девораҳои шикам. **2**. Ҳалқа ё чанбараки металлӣ, ки ба ягон қисми мошин барои мустаҳкам кардан ё хӯрда нашудани он пӯшонда мешавад.

**БАНДА́НА**, [англ. bandana лента]. Рӯймоли рангаи мардона ё лентаи рангае, ки дар гирди сар мебананд.

**БАНДЕРИЛЕ́РО (БАНДЕРИЛЬЕ́РО)**, [исп. banderillero]. Дар ҷанг бо буққа (*коррида*) – ҷанговари пиёдаи бо *бандериляҳо* мусаллаҳшуда. || Мқс. матадор, пикадор, тореадор, тореро.

**БАНДЕРИ́ЛЯ (БАНДЕРИ́ЛЬЯ)**, [исп. banderillia]. Дар ҷанг бо буққа (*коррида*) – найзачаи бо лента орододашуда, ки бо он буққаро ба хашм меоваранд.

**БАНДЕРОЛ (БАНДЕРО́ЛЬ)**, [фр. banderole]. **1**. Муросилоти на чандон калони коғазпечи почта. **2**. Лентаи коғазӣ барои бастапечонии муросилоти почта. **3**. Коғази (ёрлиғи) ба бор часпондашуда, ки аз супурда шудани боҷпулӣ гувоҳӣ медиҳад.

**БАНДИ́Т,** [ол. Bandit < ит. bandito бадарғашуда]. Ғоратгари мусаллаҳ.

**БАНДИТИ́ЗМ,** [< *бандит*]. Амалиёти ҷинояткоронаи роҳзанон, ғоратгарон.

**БАНДУ́РА,** [пол. bandura < лот. pandura]. Асбоби мусиқии бисёртораи украинӣ.

**БАНК**[1], [фр. banque < ол. Bank < ит. banco дӯкончаи саррофӣ]. **1**. Бонк; муассисаи калони молиявие, ки маблағҳои муваққатан озоди пулиро дар як ҷо ҷамъ мекунад, онҳоро қарз (*кредит*) медиҳад, дар пардохту ҳисоббаробариҳои байни корхонаю муассисаҳо ё шахсони алоҳида миёнаравӣ мекунад, гардиши пул, инчунин баровардани (*эмиссияи*) пулҳои навро дар мамлакат танзим менамояд. **2**. Банки (бонки) маълумот – махзани маълумот. **3**. Банки (бонки) генҳо – махзани генҳо; маҷмуи ҷузъҳои КДН (ДНК), ки дар он ҳамаи (ё як қисми) генҳои организм ҷамъ оварда шудаанд; Б.-и генҳоро ба муддати дароз дар ҳолати яхкарда нигоҳ доштан мумкин аст.

**БАНК**[2], [фр. banque]. **1**. Дар қартабозӣ – пуле, ки қиморбозон ба мобайн (кон) мегузоранд. **2**. Навъе аз қартабозӣ, ки миқдори иштирокчиёни он номаҳдуд буда, ба *понтерҳо* ва *банкометҳо* тақсим мешаванд.

**БАНКА**[1], [ҳол. bank]. **1**. Ҷои пасти об, пастоб, ки барои киштиҳо хатарнок мебошад. || Мқс. шелф. **2**. Хараки заврақ.

**БА́НКА**[2], [рус.]. **1**. Бонка; зарфи силиндршакли шишагӣ ё тунукагӣ, мас., бонкаи консерва. **2**. Дар тиб – асбоби стаканчамонанди шишагин, ки ба бадани бемор мемонанд.

**БАНКЕТ**[1], [фр. banquette]. Зиёфати бошукӯҳ ба муносибати ягон ҷашн.

**БАНКЕ́Т**[2], [фр. banquette]. **1**. Пуштаи хокии на он қадар баланд барои аз сел ва оби барфу борон муҳофизат намудани роҳи оҳан. **2**. Майдонча ё суфачае дар киштӣ барои гузоштани қутбнамо, дурбин, лавозимоти тӯп ва ғ. **3**. Майдончаи панҷаранок дар киштӣ барои нигоҳ доштан ва хушкондани танобҳо.

**БАНКЕ́ТКА**, [< фр. banquette]. Хараки мулоим, дивани на чандон калони бепуштак. || Мқс. диван, софа, кушетка.

**БА́НКИНГ**, [англ. banking]. мол. Маҷмуи амалиёти бонкӣ; хизматрасонии молиявии бонкҳо ба муштариён.

**БАНКИ́Р**, [ол. Bankier < фр. banquier]. Соҳиби бонк; мудири бонк; раиси бонк; соҳиби саҳмияҳои калони бонк.

**БАНКНО́ТҲО**, [англ. bank-note]. Пулҳои коғазие, ки бонкҳои *эмиссионӣ* ба қадри афзоиши гардиши мол ё таваррум ба муомилот мебароранд;

**БА́НКО**, [англ. banko]. *мол.* Қурбе (арзише), ки бонк аз рӯйи он коғазҳои қиматнокро мехарад ё мефурӯшад.

**БАНКРО́Т**, [ол. Bankrott < ит. bancarotta хараки шикаста]. **1**. Қарздори оҷизу муфлис. **2**. *маҷ.* Шахсе, ки дар кор ва ҳаёти шахсиаш сахт шикаст хӯрдааст; б а н к р о т ш а в ӣ – муфлисшавӣ; ӯҳдадориҳои қарзии худро пардохт карда натавонистани шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ аз сабаби надоштани маблағ; Б. бо қарори суд муқаррар карда мешавад.

**БА́ННЕР**, [англ. banner сарлавҳа, рамз]. *инф.* **1**. Нишонаи рекламавӣ дар ягон *сайти Интернет*, ки ҳангоми бо мушак зер кардани он саҳифаи дорои иттилооти васеъ дар бораи объекти рекламашаванда кушода мешавад; соҳибони *сайт* метавонанд дар саҳифаҳои худ Б.-ҳои дигаронро ба ивази маблағи муайян, ба тариқи *бартер* ё ройгон ҷой диҳанд. **2**. Варақ ё плакати дар девор часпондашудае, ки дар он ин ё он мол ё хизмат таблиғ (*реклама*) карда мешавад.

**БАННИ-ҲОП (БАННИ-ХОП)**, [англ. bunny hop]. *варз.* Ҷаҳидан бо велосипед аз болои монеаҳо.

**БАНТ**, [ол. Band лента]. *Лентаи* аз мобайн якчанд маротиба гиреҳ кардашуда барои ороиши ягон чиз.

**БАНТЕ́НГ**, [англ. banteng]. *зоол.* Ҳайвони ширхӯри ҷуфтсум аз оилаи ковокшоххо, ки дар ҷангалҳои Ҳиндухитой зиндагӣ мекунад; дарозии баданаш то 2 м, баландии қадаш то 1,5 м.

**БА́НҶО (БА́НДЖО)**, [англ. banjo]. Асбоби мусиқии тории зангиёни Амрико, ки одатан дар ҷаз навохта мешавад.

**БАОБА́Б**, [амхарӣ baobab]. *бот.* Маймундарахт; аз ҷинси бамбук буда, дар биёбонҳои Африқо мерӯяд; танааш хеле ғафс буда, умри дароз мебинад (то 5 ҳазор сол); меваашро мехӯранд ва аз пӯсташ ресмони дурушт мебофанд.

**БАПТИ́ЗМ**, [фр. baptisme < юн. baptizo меғӯтонам, таслиб мекунам]. Як мазҳаби дини насронӣ, яке аз намудҳои *протестантизм*, ки дар ибтидои асри 17 дар Ҳолландия, Англия ва ИМА пайдо шудааст; маросими асосии пайравони Б. ғусли таъмиди калонсолон мебошад; бо баъзе расму оини калисо, инчунин бо илму маърифат зид аст.

**БАПТИСТЕ́РИЙ**, [< юн. baptizo меғӯтонам, таслиб мекунам]. Хонаи махсус дар калисои насронӣ барои гузаронданӣ маросими ғусли таъмид.

**БАР**[1], [< англ. bar пештахта]. **1**. Майхона ё тарабхонаи хурде, ки дар он дар назди пештахта мехӯранд ва менӯшанд. || Мқс. бистро, таверна, трактир. **2**. Тоқчаи махсус дар ҷевон, сервант, буфет барои машрубот.

**БАР**[2], [< фр. barre]. Пастоби серрег дар резишгоҳи дарё ё дар соҳили баҳр.

**БАР**[3], [< англ. bar]. *тех.* Қисми пармакунандаи мошин ё комбайни кӯҳкан.

**БАР**[4], [< фр. bar < юн. baros бор]. *тех*. Воҳиди фишор ва шиддати механикӣ, ки ба $10^5$ *нютон* ба 1 $м^2$ баробар аст. || Мқс. паскал.

**БАРАБА́Н**, [рус.]. **1**. *тех*. Устувона; қисми мошин, ки шакли силиндри дарункововк, конус ё бисёрқирраро дорад. **2**. *мус*. Нақора.

**БАРА́К**, [фр. baraque < ит. baracca]. Иморати сабук барои истиқомати муваққатӣ.

**БАРА́ТРИЯ**, [< англ. barratry]. Амали барқасдонаи капитан ё ҳайати киштӣ бар зарари соҳиби киштӣ ё соҳиби бори он.

**БАРА́ҲМА**, [ҳинд. қад. Асос]. Дар дини ҳиндуия – яке аз се Худои олӣ, ки коинот ва тамоми мавҷудоти оламро офаридаст.

**БАРАҲМА́Н**, [< *бараҳма*]. **1**. Роҳиб; табақаи роҳибони касбӣ, ки дар ҳазорсолаи I то милод дар Ҳиндустони Шимолӣ ба вуҷуд омада, дар ҷамъият мавқеи олиро ишғол намуд; Б.-ҳо омӯхтани *Ведаҳоро* касби худ карда, забони онро муқаддас эълон намуданд; дар Ҳиндустони имрӯза Б.-ҳо қисми синфҳои ҳукмрон ва зиёиёнро ташкил медиҳанд. **2.** Категорияи фалсафаи идеалистии ҳинд ба маънии рӯҳи мутлақи беҷисм, ки гӯё асоси тамоми ашё мебошад. **3**. Рисолаҳои динии *Ведаҳо*, ки тақрибан асрҳои 8 - 6 то милод навишта шудаанд.

**БАРАҲМАНИЯ́**, [< *бараҳма*]. Яке аз динҳои қадимтарини ҳиндуён, ки дар ибтидои ҳазорсолаи I то милод дар заминаи инкишофи минбаъдаи дини *ведӣ* пайдо шудааст; барои Б. бисёрхудоӣ хос аст; худоҳои олии Б.: Бараҳма, Вишнуи валинеъмат ва Шиваи мудҳиш.

**БАРБА́Р**, [юн. barbaros ғайри юнонӣ, бегона]. **1**. Римиён ва юнониёни қадим ҳар як шахси бегонаро (аҷнабиро) ҳамин тавр меномиданд. **2**. *маҷ*. Одами ҷоҳил, дағал ва бемаърифат.

**БАРБАРИ́С**, [< лот. berberry]. *бот*. Зирк, зилол, анбарбарис; буттаи хордоре, ки меваҳои хурди турш дорад, инчунин меваи ин бутта (зиёда аз 500 намуд); бештар дар Нимкураи шимолӣ мерӯяд; меваашро дар таббохӣ ва тиб (ҳангоми хунравӣ аз бачадон ва бемории талха) ба кор мебаранд.

**БАРБЕКЮ́**, [< англ. barbecue сихкабоб < фр. barbecue манқал]. **1**. Навъе аз сихкабоб; пораҳои гӯште, ки дар сихи тобхӯранда дар тафдони махсус пухта мешаванд. **2**. Худи ҳамин тафдон, ки бо ангишт тасфонда мешавад. **3**. Зиёфате, ки таоми асосии он Б. мебошад.

**БАРБИТУРА́ТҲО**, [ол. Barbituraten]. *хим., тиб*. Гурӯҳи пайвастҳои органикие, ки аз ҷавҳари (кислотаи) барбитурӣ ҳосил карда мешаванд; дар тиб ба сифати доруҳои хобовар ва наркотикӣ истифода мегарданд.

**БАРБОТА́Ж**, [< фр. barbotage омехта кардан]. Аз даруни моеъ бо фишори баланд сар додани газ ё буғ барои омехта кардани моеъ ё гарм кардани он.

**БАРБОТИ́Н**, [фр. barbotine]. Омехтаи гили сафед, рег ва ранг барои тайёр кардан ё пардоз додани маснуоти сафолӣ.

**БАРБУ́ДОС**, [исп. barbudos ришдорон]. Марксистҳои кубагӣ бо роҳбарии Фидел Кастро, ки дар инқилоби соли 1959 ҳокимияти Ф. Батистаро сарнагун карда буданд. || Мқс. гусанос.

**БА́РБУСҲО**, [лот. barbus]. *зоол*. **1**. Навъи моҳиҳои аквариумӣ аз оилаи пунтиусҳо ва капурҳо; дарозиашон то 10 см. **2**. Бурутмоҳиҳо; навъе аз моҳиҳои сайдӣ аз оилаи капурҳо; дарозиашон то 1 м, вазнашон то 20 кг; дар обҳои ширини Африқо ва Авросиё зиндагӣ мекунанд.

**БАРД**, [келт. barb]. **1**. Дар қабилаҳои келт – шоири халқӣ. **2**. *мач*. Ҳофиз, мутрибе, ки сурудҳои эҷоднамудаи худро месарояд. || Мқс. вагант, миннезингер.

**БАРДА́К**, [шакли вайроншудаи *бордел*]. **1**. Фоҳишахона. **2**. *гуфт*. Бесомонӣ, бенизомӣ, харҷумарҷ.

**БА́РД-РОК**, [англ. barb-rock]. *мус*. Равияе дар рок-мусиқии шӯравӣ, ки баъди солҳои 70-уми асри XX бо таъсири назми иҷтимоию сиёсии «ҷиддӣ» ва сурудҳои муаллифӣ (В. Висотский, А.Галич, Б.Окуджава ва диг.) инкишоф ёфт.

**БАРЕЛЙЕ́Ф (БАРЕЛЬЕ́Ф)**, [фр. bas-relief релйефи паст]. Муҷассама ё нақши барҷастаи дар сатҳи девор ё дар сатҳи чизе кандакоришуда, ки аз нисф зиёди он аз сатҳ баромада меистад.

**БАРЕ́ТТЕР**, *физ., тех*. Асбоби *электровакуумӣ* – зарфи (*баллони*) шишагии бо гидроген пуркардашуда, ки дар дарунаш сими борике вуҷуд дорад; барои нигоҳ доштани қувваи доимии ҷараён дар занҷири электрикӣ ҳангоми тағйир ёфтани шиддат хизмат мекунад.

**БА́РЖА**, [фр. barge < лот. barca]. Киштии боркаше, ки онро одатан бо киштии дигар кашола мекунанд.

**БАРИ…, БАРО…**, [< юн. barys, baros вазнинӣ]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки фишорро ифода мекунад, мас.; *барисфера, барометр*.

**БАРИБА́Л**, [< англ. bear хирс]. *зоол*. Ҳайвони ширхӯр аз оилаи хирсҳо, ки дар ҷангалҳои Амрикои Шимолӣ зиндагӣ мекунад; дарозиаш то 1,75 м, пашмаш сиёҳ, аз ин рӯ хирси сиёҳ низ гӯянд.

**БА́РИЙ**, [< юн. barus вазнин]. *хим*. Элементи химиявӣ (Ва) – металли нарми нуқратоби гурӯҳи II системаи даврӣ; ба маводу масолеҳе, ки барои муҳофизат аз нурҳои радиоактивӣ ва рентгенӣ таъйин гардидаанд, ҳамроҳ карда мешавад; намаки Б.-ро барои тайёр кардани ранг, шиша, тарф (маводи *пиротехникӣ*), дорувор ва ғ. ба кор мебаранд.

**БАРИО́Н**, [< юн. barus вазнин]. *физ*. Зарраи хурдтарине (элементарие), ки массаи он аз массаи *протон* кам нест. || Мқс. мезон.

**БАРИСФЕ́РА**, [< *бари*…+ юн. sphaira кура]. *геол*. Қисми дохилии Замин, ки аз мағз (*ядро*) ва пардаи мобайнӣ (*мантия*) иборат аст; баъзан мағзи марказии кураи заминро, ки радиусаш 3400-3500 км-ро ташкил медиҳад, Б. меноманд.

**БАРИ́Т**, [< юн. barus вазнин]. Шпати вазнин; сулфити барий, ки дар саноат барои тайёр кардани ҳар хел доруҳои химиявӣ ва ранг истифода мешавад.

**БАРИТО́З**, [< *барий*]. *тиб*. Беморий *пневмокониоз*; бо таъсири чанге, ки дар таркибаш *барий* ва пайвастҳои он бисёр аст, пайдо мешавад.

**БАРИТО́Н**, [ол. Bariton < фр. baruton < юн. barytonos пастовоз]. **1**. Овози мардонаи байни баму зер (*тенор* ва *бас*). **2**. Сарояндае, ки чунин овоз дорад. **3**. Асбоби мусиқии мисии сурнаймонанд.

**БАРӢ**, [< юн. barus вазнин]. Мансуб ба фишори атмосферӣ; м а й д о н и  б а р ӣ – тақсимшавии фишори атмосферӣ дар фазо; с и с т е м а и  б а р ӣ – минтақаи фишори паст ё баланд дар атмосфера (мас., *сиклон* ё *антисиклон*), ки ҳар кадомашон шамол ва фишори атмосферии хос доранд.

**БАРЙЕ́Р (БАРЬЕ́Р)**, [фр. barriere]. **1**. Ғавчӯб, девора, тавора, панҷара. **2**. *маҷ*. Монеа барои ягон чиз ё ягон амал; Б . - и  з а б о н ӣ – имконнопазирии муошират бо сабаби надонистани забони бегона. **3**. Б .  г у м р у к ӣ – боҷҳои вазнин бо мақсади монеъ шудан ба воруди молҳои хориҷӣ. **4**. Б .  с а д о – муқовимати аэродинамикие, ки олати парвозкунанда ҳангоми ба суръати садо расиданаш бо он дучор мешавад.

**БАРК**, [ҳолл., англ. bark]. Киштии калони боркаши бодбондор, ки сутуни ақибаш фақат бодбонҳои уреб, сутунҳои боқимондааш бошанд, бодбонҳои рост доранд. || Мқс. бриг, бригантина, галион, каравелла.

**БА́РКА**, [ит. barca заврақ]. Киштии боркаши чӯбини дарёгард, ки сукон надорад.

**БАРКАРО́ЛА**, [ит. barcarola < юн. bark + rollare алвонҷ хӯрдан]. Суруди дӯстдоштаи заврақронони (*гондолйерҳои*) Венетсия, инчунин асари мусиқии дар услуби ҳамин суруд эҷодшуда.

**БАРКА́С**, [ҳолл. barkas < исп. barcaza < юн. bark заврақ]. **1**. Заврақи калони бисёрбела дар киштии ҳарбӣ. **2**. Киштии худгарди на чандон калон, ки барои кашондани мусофирон, бор, иҷрои корҳои бандар ва кашидани *баржаҳо* истифода мешавад. **3**. Яке аз намудҳои *баржаи* дарёгард.

**БАРКЕНТИ́НА**, [англ. barkentine]. Киштии бодбондори баҳрӣ, ки сутуни пешаш бодбонҳои рост, сутунҳои боқимондааш бошанд, бодбонҳои уреб доранд.

**БАРМЕ́Н**, [англ. barman]. Барчӣ; соҳиби *бар*, хизматчии *бар*.

**БАР-МИ́ТСВА (БАР-МИ́ЦВА)**, [яҳ. қад.]. Дар дини яҳудиён маросими ботантанаи ба қатори мардҳо даровардани (*инисиатсияи*) писарбачаҳое, ки ба синни 13 расидаанд; ҳамин гуна маросимро, ки нисбати духтарчаҳо анҷом дода мешавад, бат-митсва меноманд.

**БАРН**, [англ. barn]. *физ*. Воҳиди буриши кундаланги раванди ба якдигар бархӯрдани зарраҳои атомӣ ё ядроӣ; бо аломати «б» ифода карда мешавад; 1 б = $10^{-24}$ см$^2$ = $10^{-28}$ м$^2$.

**БАРО...**, [< юн. barys, baros вазнинӣ]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки фишорро ифода мекунад, мас.; *барокамера, барометр.*

**БАРОГРА́ММА**, [*баро… + …грамма*]. Хати каҷи сабти фишори атмосферӣ дар *барограф.*

**БАРО́ГРАФ**, [< *баро…* + юн. grapho менависам]. Барометри худнавис; асбобе, ки тағйирёбии фишори атмосфериро ба таври автоматӣ сабт мекунад.

**БАРОКА́МЕРА**, [< *баро…* + лот. camera ҳуҷра]. Ҳуҷраи ҳавоногузаре, ки дар он ба таври сунъӣ фишори паст ё баланд ба вуҷуд оварда мешавад; барои озмоиши асбобҳо ва дигар қисмҳои олоти парвозкунанда, омӯхтани таъсири тағйирёбии фишори барометрӣ ба организм, барои машқи ҳавонавардон ва кайҳоннавардон, инчунин барои табобати як қатор бемориҳо ва гузарондани амалҳои ҷарроҳии дил истифода мешавад.

**БАРО́ККО**, [ит. barocco бошукӯҳ]. *санъ*. Услуби бадеӣ дар санъати тасвирӣ, меъморӣ ва ҳайкалтарошии Аврупои асри XVI ва миёнаи асри XVIII , ки ба ҷои услуби Эҳё *(Реннесанс)* омада буд; бо ҳашамату дабдабанокиаш фарқ мекард.

**БАРО́МЕТР**, [< *баро… + …метр*]. Фишорсанҷ; асбоб барои чен кардани фишори атмосфера; барои муайян намудани баландии маҳал аз сатҳи баҳр, фаҳмидани тағйирёбии обу ҳаво ва ғ. истифода мешавад.

**БАРОМЕТРӢ**, [< *баро… + …метр*]. Ниг. барӣ.

**БАРО́Н**, [фр. baron]. Унвони дворянӣ дар Аврупои Ғарбӣ, ки аз унвони *граф* пасттар буд, инчунин соҳиби чунин унвон.

**БАРОНЕ́ССА**, [фр. baronesse]. Барондухтар; баронхонум; зан ё духтари *барон.*

**БАРОНЕ́Т**, [англ. baronet]. Унвони дворянии меросӣ дар Англия, ки аз унвони барон пасттар аст.

**БАРОТЕРАПИ́Я**, [< *баро… + …терапия*]. *тиб*. Фишордармонӣ; бо фишори баланд ё паст таъсир расондан ба организм барои муолиҷаи бемориҳои асаб ва узвҳои нафаскашӣ; Б.-и умумӣ дар *барокамера* анҷом дода мешавад.

**БАРОТРА́ВМА**, [< *баро…* + юн. trauma осеб, латма, захм, ҷароҳат]. *тиб*. Осеби гӯш, шуш ва ғ. ҳангоми якбора тағйир ёфтани фишори атмосферӣ; ба Б. бештар *лётчикҳо*, кайҳоннавардон, ғаввосон, парашютчиён дучор мешаванд.

**БАРОТСЕ́ПТОРҲО (БАРОЦЕ́ПТОРҲО), БАРОРЕСЕ́ПТОРҲО (БАРОРЕЦЕ́ПТОРҲО)**, [< *баро… + …ресепторҳо*]. Анҷомаҳои ҳассоси асаб дар девори рагҳои хун; ба тағйирёбии фишори хун вокуниш нишон дода, онро танзим менамоянд.

**БАРРА́Ж**, [фр. barrage банд, ғав]. **1**. Ғави (садди) ҳавоӣ, ки аз аэростатҳои бо симтаноб басташуда иборат буда, ба парвози авиатсияи душман монеъ мешавад. **2**. Ғави иборат аз минаҳо, тӯрҳо ва ғ. ба муқобили киштиҳои зериобӣ ва рӯиобии душман. **3**. Тамбадевори зинанок барои муҳофизат намудани роҳҳои оҳан аз оби сел.

**4**. Дар ҳаво навбатдорӣ кардани ҳавопаймоҳои қиркунанда бо мақсади муҳофизати қӯшунҳои заминии худ, киштиҳои флот ва дигар объектҳои муҳим аз ҳуҷуми ҳавопаймоҳои душман.

**БАРРАКУ́ДА**, [исп. barracuda]. *зоол.* Моҳии дарандаи баҳрӣ аз оилаи кефалшаклҳо; дарозиаш то 3 м (тақр. 20 намуд); дар баҳрҳои гарм зиндагӣ мекунад.

**БАРРА́НКОС**, [< исп. barrancoso ноҳамвор, чуқуридор]. *геол.* Ҷӯяки чуқури аввалаш танг ва охираш тадриҷан васеъшудаи нишебии конуси вулқон, ки дар натиҷаи шорида фуромадани об аз нишебии вулқон пайдо мешавад.

**БА́РРЕЛ (БА́РРЕЛЬ)**, [< англ. barrel чалак]. Воҳиди гунҷоиш ва ҳаҷми маводи пошхӯранда ва моеот дар ИМА, Британияи Кабир ва баъзе мамлакатҳои диг.; дар Англия як Б. маводи пошхӯранда ба 163,65 л., дар ИМА ба 115,6 л. баробар аст, як Б. нафт дар ИМА = 159 л. || Мқс. арроба, баррил, галлон.

**БАРРИКА́ДА**, [фр. barricade]. Сангар; ғаве, ки аз чӯбу санг, оҳан, бетонпораҳо, халтаҳои хоку рег ва ғ. дар роҳҳо, кӯпрукҳо, назди дарҳои даромад сохта мешавад.

**БА́РРИЛ (БА́РРИЛЬ)**, [< исп. barril чалак]. **1**. Воҳиди ҳаҷми моеот дар як қатор мамлакатҳои Амрикои Лотинӣ, ки тахминан ба 76 л (дар баъзе мамлакатҳо ба 97 л) баробар аст. **2**. Воҳиди вазн дар Испания, ки ба 23 кг баробар аст.

**БА́РРИСТЕР**, [< англ. barrister]. Дар Британияи Кабир – адвокати дорои унвони олӣ, ки ҳуқуқи дар ҳамаи судҳо баромад кардан дорад.

**БА́РСТЕРҲО**, [< англ. burst дурахш]. Манбаъҳои кайҳонии шуоъафканиҳои рентгенӣ, ки дурахшашон тақрибан то 10 сония давом мекунад.

**БА́РТЕНДЕР**, [англ. bartender]. Ниг. *бармен.*

**БА́РТЕР,** [< англ. barter]. Мубодилаи мол; иваз кардани мол бо мол бе иштироки пул.

**БАРТОЛИНИ́Т**, [лот. bartolinit]. *тиб.* Варами ғадудҳои калони (бартолинии) даҳани маҳбал.

**БАРХА́Н**, [турк.]. Реги равон; хомаи реге, ки дар биёбонҳо шамол аз ҷое ба ҷое мебарад; баландиаш баъзан то 150 м мерасад.

**БАС**, [ит. basso паст]. **1**. Овози бам; овози ғафси мардона. **2**. Ҳофизе, ки чунин овоз дорад. **3**. Бам; садои пасти асари мусиқӣ, ки оҳангҳои ҳархела дорад. **4**. Асбобҳои мусиқии овозашон ғафс (бам): бас-гитор, *контрабас*.

**БАС-БУ́СТЕР**, [англ. bass booster]. *тех*. Муқаввии (қувватфизои) басомади паст.

**БАСИЛЕ́Й**, [юн. basileus]. **1**. Дар Юнони Қадим – сардори қабила ё иттиҳоди қабилаҳо. **2**. Доҳӣ, баъдтар подшоҳ дар Юнони Қадим; василевс низ гӯянд.

**БАСКА́К**, [турк]. *таър*. Намояндаи хони муғул дар заминҳои ишғолкардааш; ба фаъолияти ҳокимияти маҳаллӣ ва ҷамъоварии боҷу хироҷ назорат мекард.

**БАСКЕТБО́Л**, [< англ. basket сабад ball тӯб]. Бозии варзишии байни ду даста, ки дар он бозингарон тӯбро ба якдигар ҳаво дода, ё ба замин зада, кӯшиш мекунанд бо даст ба сабади (ҳалқаи тӯрдори) ҳариф партоянд.

**БАСИ́ЛЛА**, [фр. bacillum чӯбча]. *Бактерияи* бемориовари чӯбчашакл.

**БАСМА**, [турк. basma]. **1**. Ӯсма, вусма; ранг барои мӯй. **2**. *таър*. Босма; ваколатномаи хонҳои муғул дар шакли лавҳачаи нафиси металлие, ки дар он расми хонҳо тасвир ёфтааст. **3**. Лавҳачаи тунуки мунаққаши металлӣ (бештар нуқрагӣ) барои зебу зинат.

**БАССЕ́ЙН**, [фр. bassin]. **1**. Ҳавз, обанбор, сардоба, истахр. **2**. Ҳавза; минтақае, ки баҳр, кӯл ё дарёро бо шохобҳояш дар бар мегирад; майдони резиши обҳои рӯизаминӣ ва зеризаминӣ ба ин ё он манбаи об. **3**. *геол*. Ҳавзаи конҳои ягон маъдан, мас., ҳавзаи ангиштсанг.

**БА́ССЕТ**, [< англ. base паст]. Зоти сагҳои қадпасти шикорӣ, инчунин саге, ки аз ҳамин зот аст.

**БАСТ, БА́СТЕТ**, [миср. қад.]. Дар асотири мисриён – олиҳаи шодию хушҳолӣ; дар шакли гурба ё зани гурбачеҳра тасвир карда мешуд.

**БАСТА́РД**, [ол. Bastard < фр. bastarde]. **1**. *таър*. Дар Аврупои Ғарбии асрҳои миёна – писари беникоҳи шахси воломақом (шоҳ, *герсог* ва ғ.). **2**. *биол*. Ҳайвони дурага.

**БАСТИ́ЛИЯ**, [< фр. Bastille]. Қалъа ва ҳамзамон маҳбас дар Париж (асрҳои 14-18). 14 июли соли 1789 аз тарафи шӯришгарон ишғол карда шуд, ки ин ба Инқилоби бузурги Фаронса (1789-1794) ибтидо гузошт; рӯзи ишғоли Б. (14 июл) иди миллии Фаронса гардид.

**БАСТИО́Н**, [ол. Bastion < фр. bastion истеҳкоми баланд]. **1.** Қалъа ё истеҳкоме, ки дар шакли панҷкунҷа сохта шудааст. 2. Қисми ба пеш баромадаи девори қалъа.

**БАСТОНА́ДА**, [< исп. bastonada калтакзанӣ]. Дар замонҳои пеш – навъи ҷазодиҳии бераҳмона ба одамон бо роҳи чӯб задан ба тахтапушт ва кафҳои пой.

**БАСТР**, [ол. Baster]. Шакари пастсифати рангаш зард.

**БАСТУРМА́**, [турк. basturma]. Таоме, ки аз пораҳои калони гӯшт тайёр карда мешавад; навъе аз сихкабоб.

**БАТ**, [тай. bat]. Воҳиди пули Таиланд, ки ба 100 сатанг баробар аст; тикал низ гӯянд.

**БАТАЛИ́СТ**, [ит. batalista]. Размнигор; рассоме, ки манзараҳои ҷангро тасвир мекунад.

**БАТА́ЛИЯ**, [ол. Bataille < фр. battaglia]. **1**. Муҳориба, ҷанг, размм, пайкор. **2**. *маҷ*. Баҳсу мунозираи пуршӯр.

**БАТАЛЙО́Н (БАТАЛЬО́Н)**. [фр. bataillon]. *ҳарб*. Қисми ҳарбие, ки аз якчанд *рота* иборат аст; одатан ба ҳайати *полк* ё *бригада* дохил мешавад.

**БАТА́Н**, [фр. battant]. Яке аз қисмҳои асосии дастгоҳи бофандагӣ, ки ҳаракати дурусти мокуро таъмин мекунад.

**БАТАРЕ́ЙКА,** [< *батарея*]. Батареяча; якчанд аккумулятори хурди бо ҳам пайвастшуда барои асбобҳое, ки қувваи ками барқро талаб мекунанд, мас., фонуси кисагӣ, соат, бозичаҳои кӯдакона ва ғ.

**БАТАРЕ́Я**[1], [фр. batterie]. *ҳарб*. **1**. Қисми артиллерӣ ё миномётӣ, ки аз якчанд тӯп ё миномёт иборат буда, одатан ба ҳайати *дивизион* ё *полк* дохил мешавад. **2**. Мавқеъ ё истеҳкоме, ки дар он чунин қисм ҷойгир шудааст.

**БАТАРЕ́Я**[2], [фр. batterie]. Якчанд асбоб ё таҷҳизоти якҷинсаи бо ҳам пайвастшудае, ки ягон амали муштаракро иҷро мекунанд, мас.: Б.-и аккумуляторҳо; Б.-и системаи гармидиҳӣ;

**БАТА́Т**, [исп. batata]. Картошкаи ширин; растанӣ аз оилаи печакҳо, ки меваи картошкамонанди онро дар ғизо истифода мебаранд, инчунин аз он оҳар (*крахмал*) мегиранд; дар кишварҳои гарм парвариш карда мешавад.

**БА́ТЕНС**, [англ. battens]. Тахта барои сохтани фарш, ки паҳниаш одатан 10-20 см ва ғафсиаш 5-10 см мебошад.

**БАТИБИО́НТҲО**, [< юн. bathys чуқур + *…бионт*]. *зоол*. Ҳайвонҳое, ки дар обҳои чуқур зиндагӣ мекунанд.

**БАТИМЕ́ТРИЯ**, [< юн. bathys чуқур + *…метрия*]. Чен кардани чуқурии уқёнус, баҳр, дарё ва ғ. бо ёрии асбобҳои махсус.

**БАТИПЛА́Н**, [< юн. bathys чуқур лот. planum сатҳ]. Камераи махсус барои таҳқиқ, муоина, наворбардорӣ ва аксбардорӣ дар зери об.

**БАТИСКА́Ф**, [< юн. bathys чуқур skaphos киштӣ]. Таҷҳизоти худшинокунандаи курашакл барои таҳқиқи қаъри баҳру уқёнусҳо.

**БАТИ́СТ**, [фр. batiste – аз номи бофандаи фламандии асри XIII Ф. Батист]. Матои нафиси нимшаффофе, ки аз пахта ё зағирпоя мебофанд. || Мқс. маркизет.

**БАТИСФЕ́РА**, [< юн. bathys чуқур + sphaira кура]. Камераи курашакле, ки бо мақсади тадқиқоти зериобӣ бо симтаноб ба зери об фуроварда мешавад.

**БАТИТЕРМО́ГРАФ**, [< юн. bathys чуқур + terme ҳарорат + grapho менависам]. Асбоб барои мунтазам чен ва сабт намудани ҳарорати оби баҳру уқёнусҳо дар чуқуриҳои гуногун.

**БАТМА́Н**, [< фр. battement задан, кӯфтан]. **1**. Дар балет ё рақсҳои классикӣ – ҳаракат додани «пои озод» (пое, ки ба он такя намекунанд). **2**. Дар шамшербозӣ – зарбаи қатъии кӯтоҳ бо шамшер ба шамшери ҳариф.

**БАТО́Н**, [фр. baton]. **1**. Нони сафеди дарозрӯя. **2**. Ҳасиби (колбасаи) дарозрӯя.

**БАТРА́К**, [рус.]. Коргари кирояе, ки бо меҳнати вазнини ҷисмонӣ машғул буда, ба ивази ин музди ночиз мегирад; муздур.

**БАТРАХОЗА́ВР**, [< юн. batrachos қурбоққа + …*завр*]. *пал.* Намояндаи зерсинфи сутунмӯҳрадорони палеозойӣ, ки дар он нишонаҳои ҳам обхокиҳо (дубаҳраҳо) ва ҳам хазандаҳо мушоҳида карда мешаванд; дар давраи *палеозой* зиндагӣ мекард.

**БАТТЕРФЛЯ́Й**, [< англ. butterfly шапалак]. Усули шиноварӣ: шиновар рӯ ба поён дастҳояшро аз об бароварда шино мекунад. || Мқс. брасс.

**БАТУ́Т**, [фр. batoude]. **1**. Тӯри ба *амортизаторҳои* резинӣ баста, ба чорчӯба кашидашуда барои ба боло ҷаҳидани варзишгарон ва артистони сирк. **2**. Намуди варзиш, ки аз ҷаҳидан, муаллақ задан ва ғ. дар болои чунин тӯр иборат аст.

**БАУ́Л**, [ит. baule]. Ҷомадони дарозрӯяи сафарӣ.

**БАХИ́ЛҲО**, [англ. bakhily]. Дар аввал мӯзаи чармини соқдарози моҳидорон, дар замони мо – халтачаи ҷӯробмонанди селлофанӣ, ки асосан бо мақсади тоза нигоҳ доштани бино аз хоку чанги кӯча аз болои пойафзол мепӯшанд; дар муассисаҳои тиббӣ, осорхонаҳо ва м. инҳо истифода мебаранд.

**БА́ХУС**, [лот. Bacchus]. Дар асотири римиёни қадим – худои наботот, шароб ва тараб. Дар асотири юнониёни қадим – Дионис.

**БАЯДЕ́РКА, БАЯДЕ́РА**, [порт. bailaderia]. Дар Ҳиндустон – раққоса ва сарояндае, ки дар маросимҳои динӣ, инчунин дар тарабхонаҳо, тӯйҳо, идҳо ва ғ. ҳунарнамоӣ мекунад.

**БАЯ́Н**, [рус. < аз номи шоири афсонавии руси қадим Баян, ки зикраш дар «Достони полки Игор» рафтааст]. Асбоби мусиқие ба шакли гармони калон.

**БЕ́БИ**, [англ. baby]. *гуфт.* Кӯдак.

**БЕ́БИ-ЙО́ГА**, [англ. baby yoga]. Машқҳои солимгардонӣ барои кӯдакон бо истифода аз унсурҳои *йога*.

**БЕБИСИ́ТЕР**, [англ. baby-sitter < baby кӯдак + to sit шиштан]. Кӯдакбоне, ки ба хонаи кӯдак омада, парасторӣ мекунад; кӯдакбони омадараванда.

**БЕГЕМО́Т**, [ивр. behemoth]. Баҳмут, аспи обӣ; ҳайвони бузургҷуссаи ҷуфтсуми ширхӯр, ки дар минтақаҳои тропикии Африқо зиндагӣ мекунад; дарозии бадани Б.-и муқаррарӣ (*гиппопотам*) то 4,5 м ва Б.-и пакана то 1,75 м аст.

**БЕГИНА́Ж**, [фр. beguinage]. Дар Белгия, Ҳолландия ва баъзе мамлакатҳои дигари Аврупо – дайр барои ятимон ва занҳои бевамондаи яккаву танҳо; бегейнхоф низ гӯянд.

**БЕГО́НИЯ**, [лот. Begonia]. *бот.* Ҳасратгул; як навъ растании бисёрсолаи ороишие, ки баргҳои зебои алобуло ва гулҳои майда дорад (зиёда аз 1000 намуд); дар минтақаҳои гарм мерӯяд.

**БЕДЕ́КЕР**, [ол. Baedesker]. Китобчаи роҳнамо барои сайёҳон.

**БЕДЛА́М**, [англ. bedlam]. **1**. Дар аввал беморхонаи Мария Вифлеемская дар Лондон, баъдтар умуман беморхона барои девонаҳо. **2**. *маҷ*. Бесомонӣ, бенизомӣ, харҷумарҷ. || Мқс. бардак.

**БЕ́ДЛЕНД**, **БЭ́ДЛЕНД**, [англ. badlands < bad бад + land замин]. Замини ноҳамвор ва душворгузар, ки барои киштукор мувофиқ нест.

**БЕЖ**, [фр. beige]. Ранги қаҳвагии зардтоб.

**БЕЗЕ́**, [< фр. baiser бӯса]. *Пирожние*, ки аз сафедии тухм ва шакар тайёр карда мешавад. || Мқс. бисквит.

**БЕЗИ́К**, [фр. besique]. Яке аз навъҳои қадимии қартабозӣ, ки ватанаш Фаронса аст.

**БЕ́ЙЛИФ**, [англ. bailiff]. Ёвари *шериф,* пулис дар мақомоти судӣ.

**БЕЙСБО́Л**, [англ. baseball]. *варз*. Бозии варзишӣ бо тӯб, ки дар он ду дастаи нӯҳнафара иштирок мекунад; ватанаш Англия аст.

**БЕ́ЙСИК**, [англ. basic – шакли ихтисоршудаи beginners all-purpose symbolic instruction code рамзи универсалии омӯзишӣ барои навомӯзон]. *инф*. Забони барномасозӣ барои иҷро намудани вазифаҳои нисбатан осон; бо мақсади ба навомӯзон ёд додани асосҳои барномасозии компютерӣ истифода бурда мешавад.

**БЕЙҶ (БЕЙДЖ)**, [англ. badge нишон]. Нишони муаррифӣ; лавҳачае, ки дар он ному насаби корманди соҳаи хизматрасонӣ, инчунин корманди ширкат, муассиса, иштирокчии конференсия, симпозиум ва ғ. навишта шуда, барои муаррифии соҳибаш хизмат мекунад; ба қисми болоии либос (пиҷак, курта ва ғ.) мечаспонанд; бейҷик низ гӯянд.

**БЕЙСҶА́МПЕР (БЕЙСДЖА́МПЕР)**, [< англ. base jumping]. Шахсе, ки бо *бейсҷампинг* машғул аст; бейсер низ гӯянд.

**БЕЙСҶА́МПИНГ (БЕЙСДЖА́МПИНГ)**, [англ. base jumping]. Яке аз навъҳои варзиши хатарнок – ҷаҳидан аз болои иморати баланд, шах, манораи телевизион, пул ва ғ. бо парашюти махсус.

**БЕК**[1], [англ. back ақиб]. *варз*. Дар бозиҳои варзишӣ (футбол, хоккей ва ғ.) муҳофизатгаре, ки дар хати ақиб, дар наздикии дарвозаи дастаи худ бозӣ мекунад. || Мқс. хавбек.

**БЕК**[2], [турк.]. *таър*. **1**. Унвони расмӣ ва фахрии ашроф, асилзодагон, сарватмандон, мансабдорони калони аморат; бег; аксар вақт ба исми соҳибаш илова карда мешуд. **2**. Ҳокими шаҳр ё вилоят, ки ба хон ё амир итоат мекард.

**БЕКА́Р**, [фр. becarre]. *мус*. Дар нотанависӣ – аломати бекор кардани *диеза* ё *бемол.*

**БЕКА́С**, [фр. becacce]. *зоол*. Абё; мурғи лойхӯрак; паррандаи нӯлдарози ботлохӣ (13 намуд).

**БЕККЕРЕ́Л (БЕККЕРЕ́ЛЬ)**, [фр. Becquerel аз номи физики фр. А. Беккерел, 1852-1908]. *физ.* Воҳиди фаъолиятнокии нуклид (*изотоп*) дар манбаи радиоактивӣ.

**БЕКМА́НИЯ**, [лот. Beckmannia]. *бот.* Растании бисёрсола аз оилаи ғаллагиҳо, ки барои хӯроки чорво истифода мешавад.

**БЕКО́Н**, [англ. bacon]. Гӯшти камнамаки дуддодашудаи хук.

**БЕЛ**, [англ. bell – аз номи физики амрикоӣ А.Г. Белл (Bell)]. *физ. мат.* Воҳиди логарифмии таносуби ду бузургӣ; дар электроника, радиотехника, акустика ва ғ. истифода мешавад. || Мқс. детсибел.

**БЕЛВЕДЕ́Р (БЕЛЬВЕДЕ́Р)**, [<ит. belvedere *таҳт.* манзараи зебо]. **1**. Манора ё айвоне, ки аз он ҷо манзараи атроф хеле хуб намоён мешавад. **2**. Номи баъзе қасрҳо (мас., дар Прага, Вена, Варшава). **3**. Қароргоҳи папаи Ватикан.

**БЕЛИ́ЛА**, [рус.]. **1**. Ранги минералии сафед. **2**. Сафедӣ (дар *косметика* ва *грим*).

**БЕЛЛАДО́ННА**, [ит. belladonna хонуми зебо]. *бот.* Шобезак; растании заҳрнок аз оилаи ангури сагак, ки дар таркибаш *атропин* ва *алкалоидҳои* дигар дошта, дар тиб ба кор меравад.

**БЕЛЛЕТРИ́СТИКА**, [<фр. balles-lettres каломи нафис, сухани зебо]. *адш.* **1**. Адабиёти бадеӣ; насри бадеӣ. **2**. Адабиёти бадеии шавқовар ва осонхон.

**БЕ́ЛТИНГ (БЕЛЬТИНГ)**, [англ. belting < belt тасма]. *тех.* Матои техникии ниҳоят бадошти пахтагӣ (ё аз нахҳои бақуввати синтетикӣ), ки барои тайёр кардани тасмаи конвейерҳо ё муҳаррикҳо ба кор меравад.

**БЕЛЭТА́Ж (БЕЛЬЭТА́Ж)**, [фр. bel-etage]. **1**. Ошёнаи дуюми қаср. **2**. Қабати якуми болохонаи театр, ки бевосита дар болои *партер* ё *амфитеатр* ҷойгир шудааст. || Мқс. балкон.

**БЕМИ́Т**, [англ. boehmite]. *маъд.* Минерал – *гидроксиди* алюминий; дар шакли *агрегатҳои* лӯбиёшакл ё кристаллҳои хурд дучор мешавад; маъдани асосии баъзе *бокситҳо*.

**БЕМО́Л (БЕМО́ЛЬ)**, [фр. bemol]. *мус.* Аломати нота, ки ним парда пасттар кардани овозро нишон медиҳад.

**БЕ́НДИ, БЭ́НДИ**, [англ. bandy]. *варз.* Номи англисии (инчунин байналмилалии) хоккей бо тӯб.

**БЕНЕФИ́С**, [< фр. benefice даромад, фоида]. **1**. Спектакл ё консерте, ки даромадаш пурра ё қисман ба фоидаи яке аз иштироккунандагони он ё кормандони театр меравад. **2**. Спектакл ба шарафи яке аз иштироккунандагони он чун арзи эътирофи истеъдод ва хизматҳои ӯ.

**БЕНЕФИСИА́НТ (БЕНЕФИЦИА́НТ),** [< *бенефис*]. **1**. Артисте, ки дар *бенефиси* худ ҳунарнамоӣ мекунад. **2**. Артист ё корманди театр, ки ба фоида ё ба шарафи ӯ *бенефис* ташкил карда мешавад.

**БЕНЕФИ́ТСИЙ (БЕНЕФИ́ЦИЙ)**, [лот. benefisium]. **1**. Дар Рими Қадим – имтиёз ба одами қарздор ё имтиёз дар супурдани андоз. **2**. Мансаби даромаднок дар калисои католикӣ ва шахсе, ки чунин мансабро ишғол мекунад.

**БЕНЗАЛДЕГИ́Д (БЕНЗАЛЬДЕГИ́Д)**, [< *бензойӣ* + *алдегидҳо*]. *хим*. Алдегиди бензойӣ; моеъи органикии беранг, ки бӯйи бодоми талх дорад; чун моддаи хӯшбӯйкунанда дар саноати атторӣ ва хӯрокворӣ ба кор бурда мешавад.

**БЕНЗИ́Н**, [ол. Benzin < фр. benzine]. Сӯзишвории автомобил, мототсикл, ҳавопаймо ва ғ.; моеи беранги зуд оташгиранда, ки аз нафт ҳосил карда мешавад.

**БЕНЗОЙӢ**, [< лот. benzoa шарбати хушбӯ]. *хим*. А л д е г и д и  б е н з о й ӣ – ниг. бензалдегид; к и с л о т а и  б е н з о й ӣ – кристаллҳои органикии беранг, ки молекулааш чун молекулаи бензол аст; дар истеҳсоли ранг, дорувор, атриёт, инчунин дар тиб барои нест кардани микробҳои бемориовар истифода мешавад.

**БЕНЗО́Л**, [< лот. benzoa шарбати хушбӯ]. *хим*. Моеи беранги оташгиранда, ки дар натиҷаи софкории қатрони ангиштсанг ва нафт ҳосил мекунанд; барои истеҳсоли моддаҳои ҳалкунанда, тарканда, дорувор, ранг ва ғ. ба кор меравад.

**БЕНЗОНАФТО́Л**, [< *бензол* + *нафтолҳо*]. *хим*. Пайвасти *кислотаи бензоӣ* ва *нафтол*; барои безарар гардондани микробҳои сирояткунанда ҳангоми бемориҳои меъдаю рӯда ба кор бурда мешавад.

**БЕНЗОПИРЕ́Н**, [< *бензол*]. *хим*. Кристаллҳои органикии зардтоб, ки дар таркиби қатрони ангиштсанг, дуди тамоку, ҳавои шаҳрҳои калон, хок мавҷуданд; Б. хусусияти *кансерогенӣ* дорад, яъне метавонад ба бемории саратони узвҳои гуногун бурда расонад.

**БЕНТА́Л (БЕНТА́ЛЬ)**, [ол. Bental < юн. benthos чуқурӣ]. *биол*. Замини таги об – макони зисти организмҳои обӣ (*бентос*).

**БЕ́НТОС**, [< юн. benthos чуқурӣ]. *биол*. Маҷмӯи организмҳо (ҳайвонот ва растаниҳо), ки дар замини таги об зиндагӣ мекунанд.

**БЕНУА́Р**, [фр. baignoire]. Қабати поёнии *ложаҳои* театр, ки бо *партер* баробар ё аз он болотар аст.

**БЕНЧ**, [< англ. bench барҷастагӣ, дӯнгӣ]. *геол*. Қисми ба соҳил наздики замини таги баҳр, ки шакли дӯнгиро дошта, дар натиҷаи *абразия* пайдо шудааст. || Мқс. клиф.

**БЕНЧМА́РКИНГ,** [англ. benchmarking < bench – дараҷа, сатҳ, баландӣ mark – нишона]. **1**. Навъи маркетинг, ки ба муқоисаи сифату хосиятҳои моли худ бо сифату хосиятҳои ҳамин гуна моли рақибон асос ёфтааст; таҳлили муқоисавии нишондиҳандаҳои фаъолияти як ширкат бо нишондиҳандаҳои ширкатҳои нисбатан

пешрафта. **2**. Раванди муайян кардани самтҳои афзалиятнок ва самарабахши фаъолияти ширкат, доимо такмил додани маркетинг ва менеҷменти корхона.

**БЕРБЕРИ́Н,** [фр. berberine]. *Алкалоиде*, ки дар таркиби бисёр растаниҳо, хусусан дар пӯсти решаи зирк вуҷуд дорад; дар тиб истифода мебаранд; с у л ф а т и Б . – моддаи талхарон, ки бо роҳи сунъӣ ҳосил карда мешавад.

**БЕРГАМО́Т**, [ит. bergamotto]. *бот*. **1**. Дарахти ҳамешасабзи ситрусӣ, ки аз пӯсти меваи он равғани эфир мегиранд. **2**. Як навъ ноки сероби ширин.

**БЕРГШТРИ́Х**, [ол. Berg кӯҳ + Strich хат]. Аломати нишебӣ; хатчаҳои кӯтоҳ дар харитаҳои *топографӣ* барои нишон додани самти нишебӣ.

**БЕРДА́НКА**, [аз номи ихтироъкори амрикоӣ Х. Бердан (Berdan)]. Милтиқи яктира.

**БЕРДИ́Ш (БЕРДЫ́Ш)**, [пол. berdysz]. Табарзин; найзаи дарозе, ки дар нӯгаш табари тези ҳилолшакл насб карда шудааст. || Мқс. алебарда.

**БЕ́РЕ**, [< фр. beure равғанин]. Навъи ноки дерпаз, ки ширадору мулоим аст (чун равған дар даҳон об мешавад ва номаш аз ҳамин ҷост).

**БЕРЕ́ЙТОР**, [ол. Bereiter]. **1**. Ромкунандаи аспҳои саворӣ || Мқс. *жокей*. **2**. Устоди аспсаворӣ. **3**. Дар сирк – дастёри ромкунандаи аспҳо.

**БЕРЕ́Т**, [< фр. beret]. **1**. Як навъ каллапӯши даврашакли мулоими сабук; беретка низ гӯянд. Б е р е т ҳ о и с а б з – лақаби сарбозони таъйиноти махсуси амрикоӣ, ки дар мамлакатҳои хориҷӣ амал мекунанд; Б е р е т ҳ о и с и ё ҳ – лақаби хизматчиёни дастаҳои милисаи (полиси) таъйиноти махсус. **2**. Каллапӯши чоркунҷае, ки рӯҳониёни католикӣ дар вақти ибодат мепӯшанд.

**БЕ́РИ-БЕ́РИ**, [сингалӣ beriberi]. *тиб*. Беморие, ки аз нарасидани витамини $B_1$ дар таркиби хӯрок пайдо мешавад; бо варами асабҳо, сустии дасту по ва вайроншавии кори дил ва рагҳои хунгард зоҳир мегардад. || Мқс. полиневрит.

**БЕРИ́ЛЛ**, [юн. beryllos]. Минерал, силикати бериллий ва алюминий; берилли тозаи шаффоф санги қиматбаҳост.

**БЕРИ́ЛЛИЙ**, [лот. Beryllium]. *хим*. Элементи химиявӣ, рамзаш Ве – металли сахту сабуки хокистарранг; дар ҳавопаймосозӣ, электротехника ва ғ. истифода мешавад; манбаи *нейтронҳо* мебошад.

**БЕРИЛЛИО́З**, [< *бериллий*]. *тиб*. Бемории касбие, ки дар натиҷаи заҳролудшавӣ бо бериллий ё пайвастҳои он пайдо мешавад; пеш аз ҳама роҳҳои нафасро аз кор мебарорад.

**БЕ́РКЛИЙ, БЕРКЕ́ЛИЙ**, [аз номи ш. Беркли (Berkeley)]. Элементи химиявии радиоактивӣ, ки ба таври сунъӣ ҳосил карда мешавад (Bk).

**БЕРМУ́Д**, [англ. Bermudan]. С е к у н ҷ а и Б е р м у д – **1**. Минтақае дар уқёнуси Атлантик дар байни ҷазираҳои Бермуд, Пуэто-Рико ва нимҷазираи Флорида, ки

барои шино кардани киштиҳо ва парвози ҳавопаймоҳо басо хатарнок мебошад. **2**. *маҷ*. Муаммои сарбаста, масъалаи чигил.

**БЕРТОЛЛЕТӢ**, [< фр. Berthollet]. *хим*. Намаки бертоллетӣ – хлорати калий; дар истеҳсоли маводи тарканда, гӯгирд, тарф (*пиротехника*), сигналмушакҳо истифода мебаранд.

**БЕРТОЛЛИ́ДҲО**, [аз номи химики франсавӣ К.Л. Бертолле (Bertollet)]. *хим*. Пайвастҳои химиявии таркибашон тағйирёбанда.

**БЕРТРАНДИ́Т**, [англ. bertrandite]. *маъд*. Минерал, силикати обии бериллий; дар шакли кристаллҳои сафеду беранг дучор мешавад; аз он бериллий ҳосил мекунанд.

**БЕРШ**, [турк]. *зоол*. Моҳие аз оилаи аломоҳиҳо; дарозиаш то 45 см, вазнаш то 1,4 кг; бештар дар ҳавзаҳои баҳрҳои Хазар (Каспий), Сиёҳ ва Азов зиндагӣ мекунад.

**БЕ́ССА**, [< фр. baisse пастшавӣ]. *кӯҳна*. Пастшавии қурби коғазҳои биржавӣ.

**БЕСТИА́РИЙҲО, БЕСТИА́РҲО**, [лот. bestiarium < bestia дарранда]. **1**. Дар Рими Қадим – паҳлавононе, ки дар саҳнаи сирк бо даррандагони ваҳшӣ набард мекарданд. **2**. Китобҳои асримиёнагие, ки ҳайвоноти воқеӣ ё афсонавиро васф мекарданд.

**БЕ́СТИЯ**, [ит. bestia < лот. bestia дарранда]. Шахси маккор, айёр, ҳилагар.

**БЕСТСЕ́ЛЛЕР**, [англ. bestseller < best хуб seller фурӯхтан]. Китоби бозоргир ва серхаридоре, ки бо теъдоди зиёд чоп шудааст.

**БЕ́ТА**, **БЕ́ТТА**, [юн. beta]. Ҳарфи дуюми алифбои юнонӣ: Β, β; дар матнҳои илмӣ чун рамз барои ифода кардани бузургии тағйирёбанда истифода мешавад. || Мқс. алфа, гамма, делта. Б.-дефектоскопия – усули ошкор намудани ҷисмҳои бегона дар маснуоти бағоят нозуки металлӣ бо роҳи *рентген* кардани онҳо бо *бета-шуоъҳо*; Б.-зарраҳо – электронҳо ва позитронҳое, ки ҳангоми Б.-таҷзия ҳосил мешаванд; Б.-оҳан – ҳолати оҳан байни ҳарорати 769˚ - 960˚; Б.-спектометр – асбоб барои чен кардани энергияи (спектри энергетикии) *электронҳо* ва *позитронҳо*; Б.-таҷзия – тағйироти радиоактивии *ядрои* атом, ки дар аснои он электрон ва *антинейтрино* ё позитрон ва *нейтрино* ҷудо мешаванд; Б.-терапия – бета-дармонӣ; яке аз намудҳои табобат бо шуоъ; Б.-шуоъ – селаи бета-зарраҳо, ки моддаҳои радиоактивӣ дар вақти бета-таҷзия хориҷ мекунанд.

**БЕ́ТА...** [< юн. beta]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки маъноҳои зеринро ифода мекунад: 1) яке аз ҳолатҳои модда, мас., бета-оҳан; 2) робита бо яке аз намудҳои зарраҳои элементарӣ (ба истилоҳ бета-зарраҳо), мас., бета-таҷзия.

**БЕТАИ́Н**, [< лот. beta лаблабу]. *хим*. Моддаи органикии нитрогендор (азотдор), ки дар таркиби лаблабуи қанд ва растаниҳои дигар вуҷуд дорад; аз партови корхонаҳои коркарди лаблабу, инчунин бо роҳи сунъӣ ҳосил карда мешавад; дар тиб ва металлургия ба кор меравад.

**БЕТАТРО́Н**, [*бета* + *…трон*]. *физ.* Дастгоҳи электромагнитӣ барои тезондани ҳаракати электронҳо (то садҳо миллион электрон-волт). || Мқс. синхронотрон, синхрофазотрон.

**БЕТО́Н**, [ол. Beton, фр. beton]. Омехтаи семент бо об, рег ё шағал, ки дар сохтмон ба кор меравад.

**БЕФСТРО́ГАНОВ**, [< фр. boeuf гӯшти гов + насаби граф Строганов]. Таом аз пораҳои хурди гӯшти бо қаймоқ дампазшуда; гӯшти бо усули Строганов пухташуда. || Мқс. азу, гуляш.

**БЕШАМЕ́Л (БЕШАМЕ́ЛЬ)**, [фр. bechamel]. Қайла аз шир (ё қаймоқ), тухм ва орд, ки бо гӯшт ё моҳӣ мехӯранд.

**БЕШБАРМОҚ**, [турк. bechbarmak панҷ ангушт.]. Таом аз гӯшти гӯсфанд ва тӯппа; онро бо даст мехӯранд ва номаш аз ҳамин ҷост.

**БЕШМЕ́Т**, [турк. bechmet]. Чакман.

**БИ…**, [< лот. bi… ду, дутогӣ, дукарата]. Қисми калимаҳои мураккаб, ки аз ду қисм иборат будан, ду аломат доштанро ифода мекунад, мас.: *биплан, биметалл.*

**БИАТЛО́Н**, [< лот. bi… ду + юн. athlon мусобиқа]. *варз.* Намуди варзиш – дуҳарбаи муосири зимистона, ки аз лижапойга ба масофаи 20 км ва рост истода ё хобида, аз милтиқ тир андохтан ба чор ҳадаф иборат аст.

**БИБЛИО…**, [< юн. biblion китоб]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки мансубият ба китобро ифода мекунад, мас.: *библиофил, библиография.*

**БИБЛИОГРА́ФИЯ**, [*библио…* + *…графия*]. **1**. Соҳаи дониш оид ба тарзу усулҳои тартиб додани рӯихати асарҳои чопӣ, тавсифи китобҳо ва тадвини феҳрасти адабиёт; рӯйихати китобҳое, ки дар ягон асар истифода шудаанд. **2**. Рӯихати китобҳо, маҷаллаҳо ва мақолаҳо бо нишон додани маълумоти асосӣ (ҷой ва таърихи чоп, номи нашриёт ва ғ.).

**БИБЛИОМА́Н**, [< *библио…* + *…ман*]. Шахсе, ки китобҷамъкуниро дӯст медорад; ошиқи китоб. || Мқс. библиофил.

**БИБЛИОМА́НИЯ**, [< *библио…* + *…мания*]. Шавқу рағбати зиёд ба ҷамъ кардани китоб.

**БИБЛИОТЕ́КА**, [< юн. biblion китоб + theke махзан, анбор]. **1**. Китобхона; муассисае, ки китобҳоро барои истифодаи омма ҷамъоварӣ ва нигоҳдорӣ мекунад, барои хондан китоб медиҳад, ба китобхонҳо хизматҳои гуногун мерасонад, инчунин биное, ки дар он чунин муассиса ҷойгир шудааст. **2**. Силсилаи китобҳо дар мавзӯъ ё соҳаи муайян.

**БИБЛИОФИ́Л**, [< *библио…* + *…фил*]. Ҷамъкунандаи китоб; китобдӯст; ошиқи китоб. || Мқс. библиоман.

**БИ́БЛИЯ**, [юн. biblia – ҷамъи biblion китоб]. Маҷмӯи китобҳои муқаддаси насрониён ва яҳудиён (Инҷил ва Таврот), ки аз афсонаву ривоят, қоидаву дастур ва дуоҳои яҳудиён ва насрониён иборат аст.

**БИ́БЛДРУК**, [< ол. Bibel Библия + drucken чоп кардан]. Як навъ коғази тунуки матбаавӣ, ки барои чоп кардани луғатҳо ва дигар китобҳои ҳаҷман калон истифода мешавад (асосан бо мақсади кам кардани ғафсии китоб); пештар Библия бо ҳамин коғаз чоп карда мешуд ва номаш аз ҳамин ҷост.

**БИВА́К**, **БИВУА́К**, [< фр. bivouac қароргоҳ, лагер]. Қароргоҳ; ҷои дамгирӣ ё ҷои хоби лашкар берун аз маҳалҳои аҳолинишин; умуман ҷои дамгирии *алпинистҳо*, сайёҳон ва ғ.

**БИВАЛЕ́НТҲО**, [< *би...* + лот. valens (valentis) зӯр]. *биол.* Хромосомаҳои ҷуфти ҳомологӣ, ки ҳангоми тақсимоти мағзи (ядрои) ҳуҷайра ҳосил мешаванд. || Мқс. мултивалентҳо.

**БИГ**, [< ол. biegen қат кардан]. Ҷӯякча дар сарпӯши қуттичаҳои картонӣ ё муқоваи китоб барои осонтар кушодани сарпӯш ё муқова.

**БИГА́МИЯ**, [< *би...* + юн. gamos никоҳ]. Дуникоҳӣ, дузанагӣ. || Мқс. полигамия, моногамия, полиандрия.

**БИГАРА́ДИЯ**, [фр. bigaradier]. *бот.* Як навъ афлесуни талх, ки аз гулу баргҳои он равғани эфир мегиранд.

**БИГ-БЭНД**, [англ. big band]. Яке аз намудҳои оркестри ҷаз, ки одатан аз 10-20 нафар навозандаи асбобҳои гуногуни мусиқӣ иборат аст.

**БИГ-МАК**, [англ. big Mac < big калон + Mac кӯтоҳшудаи Макдоналс]. Ниг. *гамбургер*.

**БИГУДИ́**, [фр. bigoudi]. Найчаи металлӣ ё пластмассагӣ, ки мӯйҳоро барои ҷингила шудан ба он мепечонанд.

**БИГ-ФУТ**, [англ. big foot < big калон + foot пой]. **1**. Махлуқи бузургҷуссаи одамшакл (одами барфӣ), ки мавҷудияти онро илм ҳанӯз исбот накардааст. **2**. Автомобили чархкалон барои пойга дар ҷойҳои ноҳамвор.

**БИДО́Н**, [фр. bidon]. Зарфи силиндршакли сарпӯшу дастадор.

**БИЕННА́ЛЕ**, [ит. biennale дусола]. Чорабиние (мас., намоиш, фестивал ва ғ.), ки дар ду сол як маротиба гузаронда мешавад.

**БИЖУТЕ́РИЯ**, [фр. bijouterie]. Асбобҳои ороишии занона (ангуштарин, мӯҳра, гӯшвора, дастпона, сӯзани қубба), ки аз сангу металлҳои на чандон гаронбаҳо тайёр карда шудаанд.

**БИЗА́Н (БИЗА́НЬ)**, [ҳол. bezaan]. Бодбони каҷи сутуни ақиби киштӣ.

**БИ́ЗНЕС**, [< англ. business кор]. Ҳама гуна фаъолияти иқтисодии тиҷоратию соҳибкорие, ки даромад меорад; соҳибкорӣ.

**БИ́ЗНЕС-..**, [< англ. business кор]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки мансубият ба *бизнесро* ифода мекунад, мас.: бизнес-класс, бизнес-нақша.

**БИ́ЗНЕС-ИНКУБА́ТОР**, [< *бизнес…* + *инкубатор*]. Маркази *инноватсионие*, ки ба соҳибкорони навкор дар ташкили фаъолияти соҳибкорӣ (*бизнес*), инчунин дар таҳияи нақшаи ин фаъолият ёрӣ мерасонад (ба онҳо машварат медиҳад, таҷҳизот ҷудо мекунад ва ғ.).

**БИ́ЗНЕС-КЛАСС**, [< *бизнес…* + class дараҷа]. Бизнес-дараҷа; чипта ва ҷой дар ҳавопаймо ё поезд, ки ба соҳиби он дар сатҳи баланд хизмат расонда мешавад. || Мқс. премиум-класс.

**БИ́ЗНЕС-ПЛАН**, [< *бизнес…* + plan нақша]. Бизнес-нақша; нақшаи соҳибкорӣ (*бизнес*), ки дар он самтҳои асосии фаъолият, кору вазифаҳои аввалиндараҷа ва муҳлати иҷрои онҳо нишон дода шудаанд.

**БИЗНЕСМЕ́Н**, [англ. businessman]. Соҳибкор, корчаллон, савдогар; шахсе, ки бо *бизнес* машғул аст.

**БИ́ЗНЕС-ҶЕТ (БИ́ЗНЕС-ДЖЕТ)**, [< *бизнес…* + jet киштии реактивӣ]. Ҳавопаймое, ки барои кашондани шахсони олимақом берун аз ҷадвали расмӣ таъйин шудааст.

**БИЗО́Н**, [лот. buson]. *зоол.* Гови калони ваҳшии амрикоӣ, ки пашми дарози мулоим дорад; дарозии баданаш то 3 м, вазнаш то 720 кг.

**БИКАМЕРАЛИ́ЗМ**, [англ. bucameralism]. Сохти дупалатагии парламент дар баъзе мамлакатҳо.

**БИКАРБОНА́ТҲО**, [< *би...* + … *карбонат*]. *хим.* Намакҳои турши кислотаи ангишт; гидрокарбонатҳо низ гӯянд.

**БИКИ́НИ**, [аз номи ҷаз. Бикини (Bikini) дар уқёнуси Ором]. Либоси оббозии занона, ки аз синабанд ва эзорчаи борик иборат аст.

**БИКС**, [< ол. bixen бо худ гирифтан]. Қуттичаи металлӣ барои безараргардонии маводи ҷароҳатбандӣ дар *автоклав*; инчунин барои нигоҳдорӣ ва аз як ҷой ба ҷои дигар бурдани маводу асбобҳои тамйизшудаи ҷарроҳӣ ва ҷароҳатбандӣ.

**БИКФОРДӢ**, [аз номи шахс]. П и л т а и  (с и м и)  б и к ф о р д ӣ – пилтае, ки дар дарунаш борут дошта, рӯи он бо моддаи обногузар андуда шудааст; барои таркондани маводи тарканда (капсюл-детонаторҳо) истифода мешавад.

**БИЛАБИАЛӢ**, [< *би...* + … лот. labialis лабӣ]. *збш.* Ҳ а м с а д о ҳ о и  б и л а б и а л ӣ – ҳамсадоҳое, ки бо роҳи ба якдигар расондани лабҳо талаффуз карда мешаванд; лабӣ; лабилабӣ. Мас., «б», «п», «м».

**БИЛАТЕРАЛӢ**, [< *би...* + лот. lateralis паҳлӯӣ]. *анат.* Дутарафа, дупаҳлӯя.

**БИЛБО́РД, БИЛЛБО́РД**, [англ. billboard]. Лавҳаи калони поядор барои рекламаи молу хизматҳо.

**БИЛДАППАРА́Т (БИЛЬДАППАРА́Т)**, [ол. bildapparat]. Олат барои ба телеграф додани расм: номи пештараи *фототелеграф*.

**БИ́ЛДИНГ**, [англ. building]. Бинои серошёна, осмонбӯс.

**БИЛЕ́Т**, [англ. billet]. **1**. Чипта; ҳуҷҷате, ки барои истифода бурдан аз ягон чиз ҳуқуқ медиҳад, мас.: Б.-и театр, Б.-и поезд. **2**. Ҳуҷҷати узвият; ҳуҷҷате, ки мансубият ба ягон ташкилот, ҳизб ё намуди фаъолиятро тасдиқ мекунад, мас.: Б.-и ҳизбӣ, Б.-и ҳарбӣ. **3**. Варақчае, ки дар он саволҳои имтиҳон навишта шудааст.

**БИЛИВЕРДИ́Н**, [фр. biliverdine]. *физиол.* Моддаи рангдиҳандаи (*пигменти*) талхаи (сафрои) одам ва ҳайвоноти гӯштхӯр, ки ранги сабз дорад. || Мқс. билирубин.

**БИЛИ́НГВ**, [< *би...* + лот. lingua забон]. Зуллисоннайн; донандаи ду забон. || Мқс. полиглот.

**БИЛИНГВИ́ЗМ**, [< *би...* + лот. lingua забон]. Дузабонӣ; донистан ва дар нутқ истифода бурдани ду забон.

**БИЛИРУБИ́Н**, [фр. bilirubine]. *физиол.* Моддаи рангдиҳандаи (*пигменти*) талхаи (сафрои) одам ва ҳайвоноти гӯштхӯр, ки ранги сурхи зардтоб дорад. || Мқс. биливердин.

**БИЛИРУБИНЕМИ́Я**, [< *билирубин...* + юн. haima хун]. *тиб.* Зиёдшавии миқдори *билирубин* дар хун.

**БИЛЛ (БИЛЛЬ)**, [англ. bill]. Дар Англия, ИМА, Ирландия, Канада ва баъзе мамлакатҳои дигар – лоиҳаи қонун, ки ба муҳокимаи мақоми қонунбарор пешниҳод мешавад, инчунин номи баъзе санадҳои конститутсионӣ (мас., билл дар бораи ҳуқуқ).

**БИ́ЛЛИНГ**, [англ. billing]. Низоми автоматикунонидашудаи баҳисобгирии хизматҳои расондашуда, муқаррар намудани тарофаю арзиши хизматҳо ва пешниҳоди ҳисобномаи (*счёти*) пардохт.

**БИЛЛИО́Н**, [фр. billion]. Ададе, ки бо рақами як ва нӯҳ сифр навишта мешавад (миллиард, ҳазор миллион). Дар баъзе мамлакатҳо, мас., дар Олмон ва Англия – рақами 1 бо 12 сифр (ҳазор миллиард).

**БИЛЯ́РД (БИЛЬЯ́РД)**, [фр. billiard]. **1**. Саққобозӣ; бозие, ки дар болои мизи махсус саққоҳоро бо чӯб (*кий*) ба сабатчаҳои дар кунҷ ва миёнаи миз ҷойгиршуда мезананд. **2**. Мизи ҳамин бозӣ.

**БИМЕТАЛЛИ́ЗМ**, [< *би...* + … *металл*]. *мол.* Системаи пулӣ, ки дар он ду металл (тилло ва нуқра) воситаи муомилоти қонунӣ ҳисоб мееёбанд.

**БИМЕТА́ЛЛҲО**, [< *би...* + … *металл*]. Маснуот ва молҳои нимтайёри металлие, ки аз ду қабат металл ва хӯлаҳои гуногун (мас., пӯлод ва алюминий) иборатанд; дар электро- ва радиотехника, саноати асбобсозӣ ва ғ. ба кор мераванд.

**БИ́НГО**, [англ. bingo]. Як навъ лотобозии америкой; аз лотобозии муқаррарӣ бо он фарқ мекунад, ки қатори рақамҳо бо рақами 75 ба охир мерасад (на бо рақами 90).

**БИ́НДЕР**, [англ. binder]. Коғазқапаки пружинӣ.

**БИНО́КЛ (БИНО́КЛЬ)**, [< лот. bini ду + oculus чашм]. Дурбин; асбоби оптикӣ барои бо ҳарду чашм дидани ҷойҳо ё чизҳои дур.

**БИНОКУЛЯРӢ**, [< лот. bini ду + oculus чашм]. Б о с и р а и б и н о к у л я р ӣ – дидани олами беруна бо ҳарду чашм; з а р р а б и н и ( м и к р о с к о п и ) б и н о к у л я р ӣ – заррабине, ки ду чашмак (окуляр) дорад ва бо ёрии онҳо объектҳои хурдро бо ҳарду чашм дидан мумкин аст; п у р б и н и б и н о к у л я р ӣ – асбоби оптикӣ барои бо ҳарду чашм дидани объектҳои хурд.

**БИНО́М**, [< лот. bi… ду, ҷуфт + … nome қисм, ҳисса]. *мат.* Ифодаи алгебравӣ (ба истилоҳи дигар – дуузва), ки ҷамъ ё фарқияти ду якузваро нишон медиҳад; б и н о м и Н ю т о н – формулае, ки дараҷаи баъзе дуузваҳоро дар шакли сумма ифода мекунад.

**БИНТ**, [< ол. Binden бастан]. Докаи тасмашакли ҷароҳатбандӣ.

**БИО…**, [< юн. bios ҳаёт]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки мансубият ба ҳаёт, равандҳои ҳаётӣ, ҳодисаҳои биологиро ифода мекунад, мас., *биография, биосфера, биохимия.*

**БИОГЕЛМИ́НТҲО (БИОГЕЛЬМИ́НТҲО)**, [< *био…* + *гелминтҳо*]. *биол.* Кирмчаҳои муфтхӯре, ки дар хурдиашон дар бадани хӯҷаини мобайнӣ (ҳайвонот), дар калонсолиашон бошад, дар бадани хӯҷаини ниҳоӣ (одам ё ҳайвонот) зиндагӣ мекунанд. || Мқс. геогелминтҳо.

**БИОГЕНЕ́З**, [< *био…*+ *…генез*]. *биол.* Назария дар бораи он ки дар байни материяи зинда ва ғайризинда садди рафънашаванда вуҷуд дорад ва мавҷудоти зинда фақат аз мавҷудоти зинда пайдо шуда метавонад. || Мқс. абиогенез.

**БИОГЕНЕТИКӢ**, [< *био…*+ юн. genetikos таваллуд, пайдоиш]. *биол.* Қ о н у н и б и о г е н е т и к ӣ – қонунияте, ки дар табиати зинда мушоҳида мешавад. Мувофиқи он, мавҷудоти зинда дар давоми инкишофи инфиродии худ (хусусан дар давраи инкишофи ҷанинӣ) марҳалаҳои асоситарини инкишофи тамоми шаклҳои пешгузаштагони худро такрор мекунанд. || Мқс. рекапитулятсия.

**БИОГЕНӢ**, [< *био…*+ *…генӣ*]. *биол.* Аз организми зинда бавуҷудомада, бо он алоқаманд; ба организм таъсиррасонанда; ҷ и н с ҳ о и б и о г е н ӣ – ҷинсҳои кӯҳии *органогенӣ*; э л е м е н т ҳ о и б и о г е н ӣ – элементҳои химиявие, ки дар таркиби организмҳо доимо вуҷуд дошта, вазифаҳои муайяни биологиро иҷро мекунанд: оксиген, карбон, нитроген, бор, сулфур, калсий, калий, натрий, хлор; элементҳои биогение, ки барои организм ба миқдори хеле кам заруранд, микроэлементҳо ном доранд. || Мқс. антропогенӣ.

**БИОГЕОГРА́ФИЯ**, [< *био…*+ *…география*]. *биол.* Илм дар бораи қонуниятҳои паҳн ва тақсимшавии организмҳои зинда (наботот ва ҳайвонот) дар кураи замин; аз ду қисм иборат аст: *зоогеография* ва географияи наботот.

**БИОГЕОХИ́МИЯ**, [< *био…+ …геохимия*]. Соҳаи *геохимия*, ки таркиби химиявии моддаи зиндаро меомӯзад ва равандҳои геохимиявиеро, ки дар табиат бо иштироки организмҳои зинда ба вуҷуд меоянд, тадқиқ мекунад.

**БИ́ОГЕ́ОСЕНО́З**, [< *био…+ …гео…* + юн. koinos умумӣ]. *биол.* Системаи мураккаби табиӣ, ки дар асоси мубодилаи моддаҳо ва энергия кулли организмҳои зиндаро (*биотсенозро*) бо унсурҳои ғайризинда – шароити зист муттаҳид месозад; ба унсурҳои зиндаи биогеосеноз *организмҳои автотрофӣ* ва *организмҳои гетеротрофӣ* дохил мешаванд.

**БИО́ГРАФ,** [< юн. biographia < bios ҳаёт + юн. grapho менависам]. Зиндагиноманавис; нависандаи тарҷумаи ҳоли ягон шахс.

**БИОГРА́ФИЯ**, [< юн. biographia < bios ҳаёт + юн. grapho менависам]. **1**. Тарҷумаи ҳол; шарҳи ҳол, ҳолнома; зиндагинома. **2**. *маҷ.* Ҳаёт; зиндагӣ; роҳи ҳаёт.

**… БИОЗ**, [< юн. bios ҳаёт]. Қисми охири калимаҳои мураккаб, ки мансуб будан ба ҳаёт ё равандҳои ҳаётиро ифода мекунад, мас., *некробиоз, симбиоз.*

**БИОКЛИ́МАТ**, [< *био…+ климат*]. *биол.* Шароитҳои иқлимии муҳит, ки мавҷудият, афзоиш, инкишоф ва ҷойивазкунии организмҳои зиндаро таъмин мекунанд.

**БИОКЛИМАТОЛО́ГИЯ**, [< *био…+ климатология*]. *биол.* Илм дар бораи таъсири иқлим ба организмҳои зинда, аз ҷумла ба саломатӣ ва фаъолияти инсон.

**БИОКОММУНИКА́ТСИЯ (БИОКОММУНИКА́ЦИЯ)**, [< *био…+ коммуникатсия*]. *биол.* Муоширати ҳайвонот; робитаи байни фардҳои як намуд ё намудҳои гуногун ба воситаи сигналҳое, ки онҳо ба якдигар медиҳанд.

**БИОКОМПЮ́ТЕР (БИОКОМПЬЮ́ТЕР)**, [< *био…+ компютер*]. *инф.* Компютере, ки ҷузъҳои асосии онро *биомолекулаҳо* ташкил медиҳанд.

**БИОЛИ́ТҲО**, [< *био…+* юн. lithos санг]. *геол.* Ҷинсҳои кӯҳие, ки асосан аз боқимондаҳои ҳайвоноту растаниҳои мунқариз (мурдарафта) иборатанд; Б.-ро ба сӯзанда (ангишт, нафт) ва насӯзанда (бӯр, оҳаксанг) ҷудо мекунанд.

**БИОЛОГИ́ЗМ**, [< *биолог(ия)…+* пасв. -изм]. *фалс.* Яке аз равияҳои *сотсиология*, ки моҳияти муносибатҳои иҷтимоӣ ва омилҳои иҷтимоиро ба ҳодисаю равандҳои биологӣ вобаста медонад. || Мқс. антропологизм.

**БИОЛО́ГИЯ**, [< *био… + …логия*]. Илм (аниқтараш маҷмӯи илмҳо) дар бораи табиати зинда, пайдоиш, инкишоф ва гуногуншаклии ҳаёт, ҷустуҷӯи роҳу усулҳои оқилонаи ҳифз ва дигаргунсозии табиати зинда мувофиқи талаботи инсон.

**БИОЛОГӢ**, [< *биология*]. С и н н и  б и о л о г ӣ – дар *геронтология* дараҷаи пиршавии ҳақиқии организм, ки бо асбобҳои махсус аз рӯйи вазъият ва фаъолияти дил, рагҳои хунгард, мушакҳо, системаи асаб, узвҳои нафаскашӣ ва ғ. муайян карда мешавад ва он на ҳама вақт бо синни хронологӣ, яъне бо шумораи солҳои аз сар гузарондаи одам мувофиқат мекунад; с о а т и  б и о л о г ӣ – қобилияти вақтро дарк намудани одам ва ҳайвонот; с о ф к о р и и  б и о л о г ӣ – тоза кардани об бо ёрии *микроорганизмҳо*

(микроорганизмҳо моддаҳои органикӣ, яъне ифлосиҳои дар таркиби об вуҷуддоштаро нобуд менамоянд); у с у л и б и о л о г ӣ – усули муҳофизати растаниҳо бо роҳи кам ё нест кардани ҳашароти зараррасон, алафҳои бегона ва барангезандагони бемориҳо бо ёрии дигар организмҳои зинда (*антагонистҳо, патогенҳо, энтомофагҳо*).

**БИОЛОКА́ТСИЯ (БИОЛОКА́ЦИЯ)**, [< *био…* + *локатсия*]. *биол.* Қобилияти ҳайвонот дар муайян кардани мавқеи ягон объект ё мавқеи худ дар фазо. || Мқс. бионавигатсия, ҳоминг.

**БИО́М**, [англ. biome]. *биол.* Маҷмӯи намудҳои набототу ҳайвоноте, ки дар ин ё он минтақа ба таври муқимӣ зиндагӣ мекунанд. || Мқс. биота.

**БИОМА́ССА**, [< *био…* + *…масса*]. *биол.* Массаи умумии фардҳои як намуд ё гурӯҳи намудҳо (растаниҳо, микроорганизмҳо ё ҳайвонот), ки ба як воҳиди сатҳ ё ҳаҷми маҳалли зист рост меояд; Б.-и растаниҳо *фитомасса*, Б.-и ҳайвонот бошад, *зоомасса* ном дорад.

**БИОМЕТЕОРОЛО́ГИЯ**, [< *био…* + *…метеорология*]. *биол.* Бахши обуҳавосанҷӣ (*метеорология*), ки таъсири равандҳои физикӣ ва химиявии дар атмосфера бавуҷудоянда, инчунин таъсири иқлим ва обу ҳаворо ба инсон, ҳайвонот ва растаниҳо таҳқиқ мекунад.

**БИОМЕ́ТРИЯ**, [< *био…* + *…метрия*]. Маҷмӯи усулҳои математикии банақшагирӣ ва коркарди маълумот дар тадқиқоти биологӣ.

**БИОМЕХА́НИКА**, [< *био…* + *…механика*]. *биол.* Соҳаи биофизика, ки хусусиятҳои механикии бофтаҳо, узвҳо ва умуман организмҳои зинда, инчунин равандҳои механикии дар онҳо бавуҷудояндаро меомӯзад.

**БИОНАВИГА́ТСИЯ (БИОНАВИГА́ЦИЯ)**, [< *био…* + лот. navigatio шино кардан]. Қобилияти самти ҳаракати худро интихоб намудани ҳайвонот ҳангоми муҳоҷирати мавсимии онҳо. || Мқс. биолокатсия, ҳоминг.

**БИО́НТҲО**, [< юн. bion (biontos) зиндагикунанда]. *биол.* Организмҳое, ки дар рафти *эволютсия* ба зистан дар муҳити муайян *(биотоп)* мутобиқ гардидаанд. || Мқс. аэробионтҳо, гидробионтҳо.

**БИООРГАНИКӢ**, [< *био…* + *…органикӣ*]. *биол., хим.* Х и м и я и б и о о р г а н и к ӣ – илме, ки робитаи байни сохти моддаҳои органикӣ (мас., *антибиотикҳо, биополимерҳо, витаминҳо*) ва вазифаҳои биологии онҳоро таҳқиқ мекунад; бо соҳаҳои тиб, кишоварзӣ, микробиология, химия, саноати хӯрокворӣ робитаи зич дорад.

**БИ́ОПОЛИМЕ́РҲО**, [< *био…* + *…полимер*]. *биол.* Пайвастҳои табиие, ки асоси таркибии ҳамаи организмҳои зинда ба шумор рафта, дар ҷараёни зиндагии онҳо нақши муайян мебозанд; ба Б. сафедаҳо, кислотаҳои нуклеинӣ, полисахаридҳо ва ғ. мансуб мебошанд.

**БИОПСИ́Я**, [< *био*…+ юн. opsis аз назар гузарондан, муоина]. *тиб.* Аз бадани бемор гирифтани як миқдор бофтаи дар натиҷаи беморӣ тағйирёфта барои муайян кардани сабаб, ҷараён ва хусусиятҳои беморӣ.

**БИОСФЕ́РА**, [< *био*… + …*сфера*]. Минтақаи паҳншавии ҳаёт дар кураи замин, ки таркиб, сохт ва захираҳои энергетикии онро асосан фаъолияти гузашта ё имрӯзаи организмҳои зинда муайян мекунад; Б. қисми болоии *литосфераро*, ки дар он организмҳо зиндагӣ мекунанд, оби дарёҳо, кӯлҳо, баҳрҳо ва уқёнусҳо (*гидросфера*) ва қисми поёнии атмосфераро (*тропосфераро*) дар бар мегирад. || Мқс. ноосфера.

**БИО́ТА**, [ол. Biot < юн. bios ҳаёт]. *биол.* Тамоми растаниҳо ва ҳайвоноте, ки таърихан дар ин ё он минтақа паҳн шудаанд. || Мқс. биом.

**БИОТЕЛЕМЕТРИ́Я**, [< *био*… + …*телеметрия*]. Аз масофаи дур тадқиқ намудани ҳодисаҳои биологӣ, инчунин чен кардани нишондиҳандаҳои биологӣ ва физиологӣ бо роҳи гирифтани маълумоти даркорӣ ба воситаи каналҳои алоқаи радио ва телефон аз хабардиҳакҳое (датчикҳое), ки дар бадани инсон ва ҳайвонот, масалан дар меъдаи онҳо ҷойгир карда шудаанд.

**БИОТЕ□ХНИЯ**, [< *био*… + юн. techne санъат, маҳорат]. Қисми шикоршиносӣ, ки бо мақсади муҳофизат ва зиёд намудани шумораи ҳайвоноти ваҳшӣ дар шароити табиӣ, инчунин беҳтар намудани маҳсулнокии онҳо тадбирҳо меандешад.

**БИОТЕХНОЛО́ГИЯ**, [< *био*… + …*технология*]. Маҷмуи усулҳои истифодаи организмҳои зинда ва равандҳои биологӣ барои истеҳоли саноатии *аминокислотаҳо, антибиотикҳо, витаминҳо, ферментҳо* ва дигар моддаҳои фаъоли биологӣ.

**БИОТИ́Н**, [ол. Biotin < юн. bios ҳаёт]. Витамини Н, ки ба қатори *ферментҳо* дохил шуда, мубодилаи сафедаҳо ва чарбуҳоро танзим менамояд; Б. дар таркиби хамирмоя, ҷигар, гурда, шир, гулкарам вуҷуд дорад; кам будани Б. дар ғизо боиси сустии мушакҳо ва иллатҳои пӯст мегардад.

**БИОТИ́П**, [< *био*…+ …*тип*]. *биол.* Маҷмӯи организмҳои зинда дар доираи *популятсия*, ки *генотипи* якхела дошта, аз рӯи ҳамаи аломатҳо, яъне аз рӯи *фенотип* ба якдигар монананданд.

**БИОТИ́Т**, [фр. biotite – аз номи олими фр. Ж. Б. Био (Biot), 1774-1862]. Минерали сиёҳранг – *алюмосиликати* калий, оҳан ва магний аз гурӯҳи абрақҳо.

**БИОФИ́ЗИКА**, [< *био*… + …*физика*]. Илм дар бораи равандҳои физикӣ ва физикию химиявӣ дар организмҳои зинда, сохт ва хусусиятҳои биополимерҳо, ҳуҷайраҳо, бофтаҳо ва узвҳо, инчунин таъсири омилҳои гуногуни физикӣ ба организмҳои зинда.

**БИОФИ́ЛТР (БИОФИ́ЛЬТР)**, [< *био*… + …*филтр*]. *биол.* Полован (*филтри*) биологӣ; таҷҳизот барои тоза кардани обҳои ганда бо усули биологӣ; Б. зарфи калони гирд ё росткунҷа буда, қаъри дуқабатаи он бо масолеҳи полоянда (дажғол, шағал, сангреза, карамзит ва ғ.) пур карда шудааст; ҳангоми аз масолеҳи полоянда гузаштани об бактерияҳо, занбурӯғҳо, моддаҳои органикии оксидкунанда ва ғ. дар сатҳи он пардаи биологӣ ҳосил мекунанд.

**БИОХИ́МИЯ**, [< *био… + …химия*]. Илм дар бораи таркиби химиявии организмҳо ва равандҳои химиявии дар онҳо бавуҷудояндае, ки мубодилаи моддаҳоро танзим менамоянд; Б.-ро шартан ба Б.-и микробҳо, Б.-и растаниҳо, Б.-и ҳайвонот ва одам ҷудо мекунанд.

**БИОСЕНО́З (БИОЦЕНО́З)**, [< *био…*+ юн. koinos умумӣ]. *биол.* Маҷмӯи ҳайвонот, растаниҳо ва микроорганизмҳое, ки дар муҳити шароиташ то андозае якхела (биотопҳо) зиндагӣ мекунанд, мас., ҳайвонот, растаниҳо ва микроорганизмҳои ин ё он кӯл, марғзор, дарёбод.

**БИОСЕНОЛО́ГИЯ (БИОЦЕНОЛО́ГИЯ)**, [< *биотсено(з)… + … логия*]. *биол.* Илм дар бораи *биотсенозҳо*, сохт, инкишоф ва робитаи онҳо бо омилҳои берунӣ.

**БИОЭЛЕКТРИКӢ,** [< *био… + …электрикӣ*]. *биол.* Мансуб ба равандҳои электрикӣ дар бофтаҳо ва узвҳои зинда; т а в о н о и и б и о э л е к т р и к ӣ – тавоноии электрикӣ дар мембранаҳои ҳуҷайравии организмҳои зинда.

**БИ́ОЭНЕРГЕ́ТИКА**, [< *био… + …энергетика*]. *биол.* Соҳаи биологияи молекулавӣ, биофизика ва биохимия, ки механизм ва қонуниятҳои табдили энергияро дар рафти фаъолияти ҳаётии организмҳо меомӯзад.

**БИПАТРИ́Д**, [< *би…* + юн. patris ватан]. *ҳуқ.* Душаҳрвандӣ; бисёршаҳрвандӣ; шахсе, ки ҳамзамон табааи ду ва ё зиёда давлат мебошад; *биполид* низ гӯянд.

**БИПЕДАЛИ́ЗМ**, [< *би…* + лот. pes (pedis) пой + пасв. -*изм*]. *биол.* Усули роҳгардӣ бо ду пой, ки барои *археозаврҳо*, наслҳои онҳо – паррандаҳо ва баъзе ширхӯрон, аз ҷумла одам хос аст; дупогардӣ.

**БИПЛА́Н**, [фр. biplan < *би…* + planum сатҳ]. Ҳавопаймое, ки болҳои дуқабата дорад, яъне болҳои он дар болои якдигар ҷой гирифтаанд; яке аз бипланҳои маъмул ҳавопаймои Ан-2 («кукурузник») буд, ки дар хоҷагии халқ, хусусан дар кишоварзӣ васеъ истифода мешуд.

**БИПОЛИ́Д**, [< *би…*+ юн. polidos давлат]. *ҳуқ.* Ниг. *бипатрид*.

**БИПОЛЯРӢ**, [< лот. *би…* + *полюс* – қутб]. *физиол., мат.* Дуқутбӣ; дуқутба; ҳ у ҷ а й р а ҳ о и б и о п о л я р ӣ – ҳуҷайраҳои дуқутбӣ (ҳуҷайраҳои асаб, ки ҳар кадомаш ду шоха дорад, мас., дар шабакияи чашм); к о о р д и н а т а ҳ о и б и о п о л я р ӣ – координатаҳои дуқутбӣ (ададҳое, ки мавқеи нуқтаро дар ҳамворӣ нисбати ду нуқтаи интихобшуда, ки қутб номида мешаванд, муайян мекунанд).

**БИ́РЖА**, [< фр. bourse ҳамён]. **1**. Муассисаи (бозори) хариду фурӯши коғазҳои қиматнок (биржаи фондӣ), асъор (биржаи асъорӣ), мол (биржаи молӣ). **2**. Биное, ки дар он амалиётҳои биржавӣ иҷро карда мешаванд. **3**. Анбори чӯбу тахта. **4**. *кӯҳна.* Истгоҳи аробакашон дар кӯча; б и р ж а и м е ҳ н а т – муассисаи миёнараве, ки бекоронро ба қайд мегирад ва бо кор таъмин мекунад.

**БИС**, [< лот. bis дубора, такроран]. Дар театр ё консерт нидоҳои тамошобинони баваҷдомада, ки такроран иҷро намудани суруд, рақс ва ғ.-ро талаб мекунанд. || Мқс. браво.

**БИСЕКСУА́Л,** [< *би* …+ лот. sexualis ҷинсӣ]. Одаме, ки ҳам ба ҷинси муқобил ва ҳам ба ҳамҷинси худ майли шаҳвонӣ дорад.

**БИСЕКСУАЛИ́ЗМ**, [< *би* …+ лот. sexualis ҷинсӣ]. *физиол*. **1**. Ниг. *андрогиния*. **2**. Майли шаҳвонӣ ҳам ба намояндагони ҷинси дигар ва ҳам ба намояндагони ҷинси худ. || Мқс. гетеросексуализм, гомосексуализм.

**БИСКВИ́Т**, [фр. biscuit]. **1**. Кулчае (пирожние), ки аз тухми латзадашуда, орд, қанд ва ғ. тайёр карда мешавад. **2**. Як навъ печении сабуки ширмол. **3**. Зарфи чинии ду бор пухташудаи бесир.

**БИССЕКТРИ́СА**, [фр. bissectrise < *би* …+ лот. sectus ба ду қисм ҷудокардашуда]. *геом*. Хати росте, ки аз қуллаи кунҷ гузашта, онро ба ду қисми баробар ҷудо мекунад.

**БИССИНО́З**, [< юн. byssos пахта]. *тиб*. Яке аз намудҳои *пневмокониоз*; бемории шуш, ки сабаби он нафаскашии тӯлонӣ аз чанги пахта мебошад. || Мқс. антракоз, силикоз.

**БИСТР**, [фр. bistre]. Ранги қаҳвагии сиёҳтоби шаффоф (обӣ), ки барои сураткашӣ бо мӯқалам ё *перо* ба кор меравад.

**БИСТРО́**, [фр. bistro < рус. быстро (зуд); тахмин мекунанд, ки ин калима дар охири Ҷанги Ватании соли 1812 пайдо шудааст, вақте ки як қисми лашкари рус ба хоки Франсия даромада, дар тарабхонаҳои он ҷо сарбозон бо нидоҳои «быстро, быстро!» («зуд, зуд!») ба пешхизматҳо муроҷиат мекарданд]. Дар баъзе мамлакатҳо – қаҳвахона ё тарабхонаи хурд. || Мқс. бар, таверна, трактир.

**БИСУЛФА́Т (БИСУЛЬФА́Т)**, [< *би* …+ …*сулфат*]. *хим*. Намаки турши кислотаи сулфат, ки дар шустагарии матоъҳо, ошдиҳии пӯст, консервкунонии маҳсулоти хӯрокворӣ ва ғ. ба кор меравад. Номи ҳозирааш – *гидросулфат*. || Мқс. бикарбонат.

**БИСУЛФИ́Т (БИСУЛЬФИ́Т)**, [< *би* …+ …*сулфит*]. *хим*. Намаки турши кислотаи гӯгирддор (сулфит), ки дар шустагарии матоъҳо ва ғ. ба кор меравад. Номи ҳозирааш – *гидросулфит*. || Мқс. бикарбонат.

**БИТ**, [англ. bit]. *инф*. Воҳиди миқдори иттилоот дар системаи дугонаи ҳисоб; бо иттилооте мувофиқат мекунад, ки ҳангоми иҷрои яке аз ду амалиёти баробаримконият ҳосил карда мешавад. || Мқс. байт.

**БИТКО́ИН, БИТКО́ЙН**, [англ. bitcoin < bit воҳиди иттилоот + coin танга]. Системаи пардохти электронӣ, ки маркази ягонаи иттилоотӣ надорад; яке аз намудҳои асъори рақамӣ (*криптовалюта*); Б. ба тарафҳои савдокунанда имкон медиҳад, ки онро бо мол, пули коғазӣ ё тилло иваз намоянд.

**БИТО́ЧКИ**, [рус. < биток гӯшти кӯфта]. Як навъ таоми ба *котлета* монанд, ки аз гӯшти қима тайёр карда мешавад.

**БИТРЕ́ЙТ**, [англ. bitrate]. *инф*. Фишурда хурд кардани ҳаҷми тасвир бо ёрии технологияҳои рақамии махсус барои сабт дар қурсҳои (*дискҳои*) видео.

**БИТСЕПС (БИ́ЦЕПС)**, [< лот. biceps дусара]. *анат*. Мушаки дусараи байни китф ва оринҷ, ки дастро аз буғуми оринҷ қат мекунад, ё ҳамин гуна мушаки рон, ки пойро аз буғуми зону қат мекунад.

**БИ́ТУМ**, [< лот. bitumen қир, қатрони кӯҳӣ]. Номи умумии моддаҳои органикии табиӣ ё сунъӣ (нафт, *озекерит, гудрон*, маҳсулоте, ки аз қатрони ангиштсанг ё сланетс ҳосил мешавад); Б.-и сахт дар ҳарорати 25-90ºС мулоим мешавад; Б.-ро бештар дар роҳсозӣ, истеҳсоли рубероид, пластмасса, лок истифода мебаранд.

**БИФИЛЯРӢ**, [< *би* …+ …filum ришта]. *тех*. Иборат аз ду ришта ё ду сим, масалан, *кабели* бифилярӣ.

**БИФУРКА́ТСИЯ (БИФУРКА́ЦИЯ)**, [< лот. bifurcus ба ду қисм ҷудошуда]. **1.** *геогр*. Ҷудо шудани дарё ба ду шохобе, ки дигар якҷоя нашуда, ба обҳавзаҳои гуногун рафта мерезанд. **2**. *анат*. Ба ду қисм ҷудо шудани узви нойшакл, масалан ба ду нойча (*бронх*) ҷудо шудани нойи нафас. **3**. Ба ду тамоил ҷудо кардани нақшаи таълимии синфҳои болоии мактабҳои миёнаи умумӣ, мас., ба тамоили илмҳои ҷамъиятӣ (адабиёт, забон, таърих ва ғ.) ва тамоили илмҳои дақиқ (математика, физика, химия ва ғ.).

**БИФШТЕ́КС**, [ол. Beafsteak < англ. beafsteak пораи гӯшти гов]. **1**. Як пора гӯшти гови бирёнкардашуда. || Мқс. антрекот, лангет, ромштекс, ростбиф. **2**. Гӯшти қимаи бирёнкардашудаи кулчашакл. || Мқс. котлета, шнитсел.

**БИХЕВИОРИ́ЗМ**, [англ. behavio(u)rism < behavior рафтор]. *фал*. Яке аз ҷараёнҳои фалсафаи ибтидои асри 20, ки шуур ва тафаккурро рад намуда, рафторро предмети фалсафа мешуморад.

**БИХРОМА́ТҲО**, [< *би*… + *хроматҳо*]. *хим*. Намакҳои кислотаи духрома; номи ҳозираашон – *дихроматҳо*.

**БИҲА́РА**, [санск.]. Хобгоҳи роҳибони буддоӣ, яъне аъзоёни сангҳа; яке аз вилоятҳои Ҳиндустон аз сабаби дар он ҷо бисёр будани чунин хобгоҳҳо Биҳар ном дорад.

**БЛАНК**, [< фр. blanc сафед, тоза]. Варақи коғазе, ки дар он номи муассиса, корхона, ташкилот ё қисме аз ягон матн чоп шудааст; барои мукотибаи расмӣ ё таҳияи ҳуҷҷатҳо истифода мешавад.

**БЛАНКЕТӢ**, [< фр. blanc сафед, тоза]. *ҳуқ*. М е ъ ё р и б л а н к е т ӣ – меъёри ҳуқуқие, ки ба мақомоти давлатӣ ё шахсони мансабдор ҳуқуқ медиҳад, қоидаҳои рафтор, манъ кардани ин ё амал ва ғайраро мустақилона муқаррар кунанд.

**БЛАНКИ́ЗМ**, [фр. blanguisme < аз номи ходими намоёни сиёсӣ, утопист-коммунист О. Бланки (Blangui), 1805-1881)]. Ҷараёне дар ҳаракати сотсиалистии асри 19 Фаронса, ки мувофиқи он гӯё капитализмро на бо роҳи мубориза синфии пролетариат, балки бо роҳи забоняккунӣ ва суиқасд сарнагун сохтан мумкин аст.

**БЛАСТЕ́МА**, [< юн. blastema неш]. **1**. *биол*. Бофтае, ки аз он фарди нав инкишоф меёбад (ҳангоми афзоиши ғайриҷинсии баъзе мӯҳрадорон). **2**. *тиб*. Анбӯҳи ҳуҷайраҳои рӯйи ҷароҳати узве, ки як қисми он бурида шудааст.

**БЛА́СТЕР**, [англ. blaster]. Аслиҳаи лазерӣ, плазмавӣ ё энергетикӣ дар бозиҳои компютерӣ, филмҳо ва асарҳои бадеии фантастикӣ.

**БЛАСТО…**, [< юн. blastos]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки мансубият ба ҷанинро ифода мекунад.

**БЛАСТО́МА**, [< юн. blastos неш + … *ома* – қисми охири номи омосҳо]. *тиб*. Омос; варам.

**БЛАСТОМЕ́РҲО**, [< юн. blastos неш + meros ҳисса]. *биол*. Ҳуҷайраҳое, ки ҳангоми тақсимоти тухми ҳайвоноти серҳуҷайра ҳосил мешаванд.

**БЛАСТОМИКО́З**, [< юн. blastos неш + mykes занбӯруғ]. *байт. тиб*. Бемории пӯст ва узвҳои дарунии ҳайвонот ва одам, ки *бластомитсетҳо* ба вуҷуд меоранд.

**БЛАСТОМИТСЕ́ТҲО (БЛАСТОМИЦЕ́ТҲО)**, [< юн. blastos неш + mykes занбӯруғ]. *биол*. Номи умумии занбӯруғҳои хамирмоягӣ ва хамирмояшакл.

**БЛАСТОПО́Р**, [< юн. blastos неш + poros сӯрохӣ]. *биол*. Сӯрохии ҷанини ҳайвонот дар давраи *гаструла*, ки ба воситаи он ковокии ҷанин бо муҳити беруна робита пайдо мекунад; *гастропор* низ гӯянд.

**БЛАСТОТСЕ́Л (БЛАСТОЦЕ́ЛЬ)**, [< юн. blastos неш + koilos ковок, дарунхолӣ]. *биол*. Ковокии байни *бластомерҳои* ҷанини ҳайвонот дар давраи *бластула*. || Мқс. гастротсел.

**БЛА́СТУЛА**, [< юн. blastos неш]. *биол*. Давраи инкишофи ҷанини ҳайвоноти серҳуҷайра (пеш аз *морула* ва баъд аз *гаструла*); дар ин давра организм аз пуфакчаи яққабата иборат аст. || Мқс. нейрула.

**БЛАТ**, [< идиш. blat ҳамроз]. **1**. Ҷинояткорон; одамоне, ки қасдан ҷиноят содир мекунанд ва дар олами ҷинояткорон обрӯ, мартаба ва системаи арзишҳои худро доранд. **2.** *кӯҳна*. Забони шартии дуздҳо ва ҷинояткорони дигар. **3**. *гуфт*. Шиносбозӣ; робитае, ки бо мақсадҳои ғаразнок истифода мешавад.

**БЛЕ́ЙДЕР-КРОСС**, [англ. blader cross]. *варз*. Навъи варзиш – пойга ва гузаштан аз монеаҳо бо конкиҳои чархакдор (роликдор).

**БЛЕ́ЙЗЕР**, [англ. blazer < to blaze дурахшидан]. Пиҷаки варзишии рангаш одатан равшан.

**БЛЕ́К-РОТ**, [англ. black rot *таҳт*. мағори сиёҳ]. Бемории токи ангур, ки бо таъсири замбӯруғ пайдо шуда, асосан ба баргу меваҳои он зарар мерасонад; ширинча.

**БЛЕ́НДА**, [ол. Blende]. Асбоби конусшакл ё аҳромшакли дарунсиёҳе, ки аз тарафи борикаш ба *объективи* асбоби суратгирӣ ва наворбардорӣ мегузоранд, то онро аз нурҳои парокандаи паҳлӯӣ муҳофизат кунанд.

**БЛЕННОРРЕ́Я**, [юн. blennos луоб + rheo мешорам]. *тиб.* Варами зардобноки луобпардаи чашм, ки бо таъсири *гонококк* пайдо мешавад. || Мқс. блефарит, офталмия, ретинит, склерит.

**БЛЕФ**, [англ. bluff фиреб]. **1**. Усули фиреб дар қартабозӣ (*покер*): бозингар қартаҳои хуб надорад, аммо тарзе вонамуд ва рафтор мекунад, ки гӯё дар дасташ қартаҳои калонанд. **2**. *маҷ.* Дурӯғ, лоф, манмании беасос, тарсондан, ба иштибоҳ андохтан, гумроҳ кардан.

**БЛЕФАРИ́Т**, [< юн. blepharon пилки чашм]. *тиб.* Варами пилкҳои чашм. || Мқс. бленнорея, офталмия, ретинит, склерит.

**БЛЕФАРОСПА́ЗМ**, [< юн. blepharon пилки чашм + *спазм*]. *тиб.* Кашидашавии мушаки ҳалқашакли чашм дар натиҷаи бемориҳои шадид ё лат хӯрдани чашм; боиси тез-тез ва беихтиёрона пӯшида шудани пилкхои чашм мегардад.

**БЛИНДА́Ж**, [< фр. blindage зиреҳ]. Паноҳгоҳи болопӯшида барои муҳофизат аз тири тӯп, бомба ва ғ. || Мқс. блокгауз, каземат.

**БЛИНТ**, [< ол. blind кӯркӯрона]. Дар рӯйи муқова зер карда баровардани хат ё нақш; нақшкӯбӣ.

**БЛИ́НЧИК**, [рус]. Чалпакчаи тунук; чалпакчаи лӯлапеч, ки дар дарунаш одатан *творог* ё гӯшти қима мегузоранд.

**БЛИ́СТЕР**, [< англ. blister ҳубоб, пуфак]. **1**. Барҷастагии гунбадмонанд аз пластмассаи шаффоф дар корпуси ҳавопаймо барои ҷойгир намудани аслиҳа ё асбобу таҷҳизоти нишонгирӣ. **2**. Ҷойи ғафси корпуси киштӣ барои муҳофизат аз минаҳо.

**БЛИТС (БЛИЦ)...**, [< ол. Blitz барқ]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки маънои «хеле зуд, кӯтоҳмуддат, барқосо»-ро ифода мекунад, мас., блитс-мусоҳиба, блитс-пурсиш, блитс-мусобиқа (дар шоҳмотбозӣ).

**БЛИТСКРИ́Г (БЛИЦКРИ́Г)**, [ол. < Blitzkrieg < Blitz барқ + Krieg ҷанг]. «Ҷанги барқосо», ки бо ёрии он фашистон мехостанд дар муддати хеле кӯтоҳ қувваҳои ҳарбии мамлакатҳои дигарро торумор намуда, ба мақсадҳои истилогаронаи худ ноил гарданд; назарияи Б.-ро ходимони ҳарбии фашистӣ дар аввали асри 20 пешниҳод карда буданд ва он дар давраи ҷанги якуми ҷаҳонӣ маъмул гардид, аммо дар ҷанги дуюми ҷаҳонӣ, хусусан дар ҷанги Олмони гитлерӣ ба муқобили СССР (солҳои 1941-45) тамоман барбод рафт.

**БЛОГ**, [англ. blog < (We)b Тортанакхонаи умумиҷаҳонӣ, Интернет + log – ихтисоршудаи Logbook рӯзномаи саҳроӣ]. *инф.* Рӯзномаи шахсии электронии истифодабарандаи Интернет.

**БЛОГ-...**, [< *блог*]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки ба блог (ниг. *блог*) нисбат доштанро ифода мекунад, мас., блог-рӯзнома, блог-адабиёт, блог-сервис.

**БЛО́Г(Г)ИНГ**, [англ. blogging]. Таҳия ва истифодаи *блог* бо мақсадҳои гуногун, мас., тарғибу ташвиқ, реклама, паҳн намудани иттилоот ва ғ.

**БЛО́Г(Г)ЕР,** [< *блог*]. *инф*. Шахсе, ки дар Интернет рӯзномаи электронӣ дорад ва аз он истифода мебарад.

**БЛОК**[1], [ол. Blok, англ. block]. **1**. Ғарғара; ғалтак; қисми чархшакли олати борбардор, ки дар атрофаш барои таноб, занҷир, сим ҷӯяк дорад, инчунин худи олати борбардори дорои ҳамин гуна қисм. **2**. Дар сохтмон – қисми иморати сохташаванда дар шакли унсури пешакӣ тайёршуда, мас., ҳуҷраи алоҳида, ҳоҷатхонаи алоҳида ва ғ.; тахтасанги калони сунъӣ аз омехтаи гаҷ ё бетон. **3**. Қисми одатан росткунҷаи кон, ки қитъаи мустақили корҳои зеризаминиро ташкил медиҳад. **4**. Варақҳои бо тартиб дӯхташуда ё ширешшудаи китоб пеш аз муқовабандӣ, ки онро Б.-и дарунӣ низ мегӯянд. **5**. Як қисми мошин, ки аз чанд ҷузъи якхела иборат аст, мас., Б.-и силиндрҳо дар муҳаррики дарунсӯз. **6**. Қуттие, ки аз чанд қуттичаи ягон чиз иборат аст, мас. Б.-и сигарет.

**БЛОК**[2], [фр. bloc]. Созиш, иттифоқ, иттиҳоди давлатҳо, ҳизбҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ё гурӯҳҳо барои якҷоя амал кардан.

**БЛОК**…, [англ. block]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки маънои маҳкам кардан, муҳосира, муҳофизат, бастан (блоконӣ)-ро ифода мекунад, мас., блокпост, блокаппарат.

**БЛОКА́ДА**, [англ. blockade]. **1**. Муҳосираи лашкари душман бо мақсади торумор намудани он. **2**. Бо мақсадҳои душманона бо зӯри аслиҳа, инчунин бо тадбирҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ ҷудо нигоҳ доштани як давлат аз давлатҳои дигар ё як шаҳр аз шаҳрҳои дигари мамлакат (мас., Б.-и Ленинград дар солҳои 1941-1944). **3**. Аз ҷиҳати иқтисодӣ ва молиявӣ ҷудо кардани як давлат аз олами беруна, монеъ шудан ба равобити иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии мамлакатҳои дигар бо ин давлат, одатан, бо мақсади таъсиррасонӣ ба сиёсати пешгирифтаи он. **4**. *тиб*. Ба таври сунъӣ карахт кардани ягон узви бадан, мас., Б.-и новокаинӣ.

**БЛОКАППАРА́Т**, [< *блок… + аппарат*]. *р.-оҳ*. Таҷҳизот барои таъмини бехатарии ҳаракати поездҳо.

**БЛОКБА́СТЕР**, [< англ. blockbuster бомба]. Филми оммавӣ ва сермухлис, ки аз ҳисоби фурӯши чиптаҳо даромади ниҳоят калон ба овардааст.

**БЛОКГА́УЗ**, [ол. Blockhaus]. Истеҳкоми равзанадори бетонӣ, оҳанӣ ё чӯбӣ барои мудофиа ва тирпарронӣ бо пулемёт ва тӯп. || Мкс. блиндаж, каземат.блокбасер это

блок

**БЛОКИРА́ТОР**, [< англ. block маҳкам кардан, панаҳ кардан]. *тех*. Асбоби реледор барои мустақилона пайваст намудани ду дастгоҳи телефони рақамҳояшон ҳархела ба як хати *абонентии* дусима.

**БЛОКНО́Т**, [фр. bloc notes варақҳо барои навиштан]. Дафтарчаи варақҳояш кандашаванда барои ёддошт.

**БЛОКПО́СТ**, [ол. Blockpost]. **1**. *р.-оҳ*. Ҳуҷраи идораи чароғакҳои роҳнамо (*светофорҳо*) ва *семафорҳо* дар қитъаи роҳи оҳан, ки бо лавозимоти танзими

ҳаракати бехатари поездҳо муҷаҳҳаз мебошад. 2. Бунгоҳи (*пости*) назорат ва иҷозатдиҳӣ бо дастаи мусаллаҳи муҳофизон дар роҳҳо, даромадгоҳҳо ё маҳалҳои аҳолинишин (одатан, дар минтақаҳои аз ҷониби низомиён забтшуда).

**БЛОКЧЕ́ЙН,** [англ blockchain]. Махзани (*базаи*) ғайримутамаркази маълумот, ки ҷиҳози нигоҳдории маълумоти он ба *сервери* умумӣ пайваст карда нашудааст; силсилаблокҳои он, ки ҳар кадомашон шомили маълумот мебошанд, мувофиқи қоидаҳои муайян ҷойгир карда шудаанд ва нигоҳдорию коркарди онҳо новобаста аз якдигар дар компютерҳои сершумори гуногун анҷом дода мешавад; *криптовалютаҳо* (системаҳои асъори рақамӣ) ва *биткоинҳо* (системаҳои пардохти электронӣ) дар асоси ҳамин технология кор мекунанд; афзалияти Б. дар махфият ва бехатарии он аст, зеро ягон кас наметавонад, ки маълумоти дар он ҷой додашударо тағйир диҳад ё иваз намояд.

**БЛО́К-ШИВ** [англ. block-ship]. Киштии куҳнае, ки дастгоҳу таҷҳизоти лозима надошта, ба сифати манзили муваққатӣ, анбори рӯйиобӣ ё тарабхона истифода мешавад.

**БЛОНДИ́Н**, **БЛОНДИ́НКА,** [фр. blondin]. Одами малламӯй, зардмӯй, мӯйҳояш тиллорангл. || Мқс. брюнет, брюнетка.

**БЛО́ТТЕР**, [англ. blotter]. Тасмачаи коғазӣ ё картонӣ, ки ба атр (духи) тар карда, бо мақсади реклама ба харидорони имконпазир тақсим мекунанд.

**БЛУ́ЗА**, [фр. blouse]. Куртаи васеи мардона ё занона (*кофта*), ки домани онро ба шим (мардҳо) ё *юбка* (занҳо) наандохта мепӯшанд.

**БЛЭ́КЕРҲО**, [англ. blackers]. Мухлисони мусиқии *блэк-метал*, ки одатан либосҳои сиёҳ мепӯшанд.

**БЛЭ́К-МЕ́ТАЛ**, [англ. black-metal]. *мус*. Навъи рок-мусиқии вазнин.

**БЛЭКҶЕ́К (БЛЭКДЖЕ́К)**, [англ. blackjack Ҷеки сиёҳ]. Як навъ қартабозии амрикоӣ, ки ба бозии «бисту як» («очко») монанд аст.

**БЛЮВА́Л**, [англ. blue whale < blue кабуд + whale наҳанг]. *зоол*. Наҳанги кабуд – ҳайвони ширхӯри обӣ; дарозиаш то 33 м, вазнаш то 150 т.

**БЛЮЗ**, [англ. blues < blue devils молихулиё, ҳузн]. **1**. Як навъ мусиқии ҷаз, ки маҳзунона ва бо суръати суст иҷро карда мешавад. **2**. Як навъ рақси ҷуфт, ки дар шабҳои рақс дар ҳавои *фокстрот* иҷро карда мешавад.

**БЛЮМ**, [англ. < bloom пораи металл]. Сабикаҳои чоркунҷаи пӯлод, ки андозаи тарафҳояш зиёда аз 140 мм буда, бо мошини блюминг тайёр карда мешавад; аз Б. релси роҳи оҳан, пояҳои пӯлодин ва маҳсулоти дигар месозанд.

**БЛЮ́МИНГ**, [англ. blooming < bloom пораи металл]. Дастгоҳи пахшкунандае, ки барои *прокати* сабикаҳои калони чоркунҷаи пӯлодӣ (*блюм*) хизмат мекунад.

**БЛЮТУ́С, БЛЮТУ́З**, [< англ. Blutooth дандони кабуд]. *инф*. Шабакаи беноқил барои мубодилаи иттилоот дар байни асбобҳои рақамӣ (мас., телефонҳои мобилӣ, суратгиракҳои рақамӣ, компютерҳо ва ғ.) дар масофаи наздик.

**БЛЮЧЕ́КИНГ (БЛЮДЖЕ́КИНГ)**, [англ. bluejacking]. Ба воситаи технологияи *блютус* ба телефонҳои мобилии бегона фиристодани ҳар гуна хабарҳои беимзои шӯхиомез ё таҳқиромез.

**БЛЯ́ХА**, [пол. blacha]. Нишона; тамға; олати зинат; лавҳачаи, одатан, металлии дорои нақши барҷаста, мас., дар афзоли асп ё дар тасмаи низомиён.

**БОА́**, [фр. boa < лот boa мор]. **1**. *зоол*. Мори калон аз оилаи морҳои печон, ки дарозиаш то 4 м мерасад; дар ҷангалҳои тропикии Амрико зиндагӣ мекунад. **2**. Гарданпечи занона аз мӯина ё пар.

**БОБ**, [англ. bob]. *варз*. Чанаи бо чанбарак (*рул*) идорашаванда барои мусобиқаҳои чанаронӣ дар новаи нишеби яхин.

**БО́ББИ**, [англ. bobby]. *гуфт*. Номи ғайрирасмии *полисмен* дар Британияи Кабир. || Мқс. коп, полисмен, фараон.

**БОБИ́НА**, [фр. bobina ғалтак]. Ғалтак барои печондани сим, ресмон, навори магнитофон, кино ва ғ.

**БОБСЛЕ́Й**, [англ. bobsleigh < bob чана + to sleigh чанасаворӣ]. *варз*. Навъи варзиши зимистона: чанаронии босуръат дар новаи нишеби яхин.

**БОГЕ́МА**, [фр. boheme – аз номи романи А. Мюрже «Зиндагии богема» (1848)]. Зиёиёни эҷодкор (нависандагон, рассомон, актёрон, мусиқинавозон ва ғ.), ки зиндагии лоуболона, бетартибона ва бечораҳолона доранд, инчунин тарзи зиндагии чунин одамон.

**БОГЕМИ́ЗМ**, [чех. bohemismus – номи пештараи заминҳое, ки баъдтар дар он ҷо давлати Чехия ташкил ёфт)]. *збш*. Калима ё иборае, ки аз забони чехӣ гирифта шудааст.

**БОГЕМИ́СТИКА**, [< *богемизм*]. *збш*., *адш*. Илм дар бораи забон ва адабиёти чехӣ.

**БОД**, [фр. baud – аз номи ихтироъкори франсавӣ Бодо (Baudot), 1845-1903]. **1**. *тех*. Воҳиди суръати телеграф, ки ба шумораи сигналҳои электрикии бо хати алоқа дар 1 сония фиристодашаванда баробар аст. **2**. *инф*. Дар техникаи ҳисоббарор – воҳиди суръати интиқоли иттилоот, ки ба 1 бит/сония баробар аст.

**БО́ДИ**, [< англ. body  бадан]. Либоси мӯди танги занона иборат аз *трусича* ва синабанд.

**БО́ДИ-А́РТ**, [англ. body art < body бадан + art санъат]. *санъ*. Яке аз равияҳои муосир дар санъат: дар бадани урёни занон кашидани нақш ё хатҳои ранга барои иштирок намудани онҳо дар намоишҳои махсус.

**БОДИБИ́ЛДЕР**, [англ. bodybuilder]. *варз.* Бодибилдингбоз; шахсе, ки бодибилдингбозӣ мекунад.

**БОДИБИ́ЛДИНГ**, [англ. bodybuilding]. *варз.* Мушакварзӣ; системаи машқҳои гимнастикӣ бо сангҳо барои инкишофи мутаносиби мушакҳои бадан; *културизм* низ гӯянд. || Мқс. културизм, атлетизм.

**БОДИГА́РД**, [англ. bodyguard]. Муҳофизи шахсӣ; танпаноҳ.

**БОДИ-СКА́НЕР**, [< англ. body  бадан + *сканер*]. Сканере (ниг. *сканер*) барои ошкор намудани ашёи дар зери либос пинҳон кардашуда; бештар дар фурудгоҳҳо ва вокзалҳо истифода мебаранд.

**БОДИ-СЛИ́М**, [англ. body slim]. *тиб.* Асбоб барои гарм кардани бофтаҳои бадан, инчунин муолиҷа бо чунин асбоб.

**БО́ДХИ**, [санск.]. Дар дини буддоӣ – назҳати маънавӣ; расидан ба ҳақиқати улвӣ.

**БОЙ**, [англ. boy писарбача]. **1**. Дар баъзе мамлакатҳо – қосидбачаи меҳмонхона. **2.** Дар мустамликаҳо – хизматгорбачаи тагҷоӣ. **3**. Пешхизмат дар қаҳвахонаҳо ва ошхонаҳо.

**БОЙКО́Т**, [англ. boycott]. **1**. Таҳрим; тарзи муборизаи сиёсӣ ва иқтисодӣ бо роҳи пурра ё қисман қатъ намудани алоқа бо шахси алоҳида, ташкилот, давлат, худдорӣ аз харидуфурӯш ва муносибатҳои дигар ба нишони эътироз; ин тарзи муборизаро аввалин маротиба соли 1880 чоряккорони Ирландия нисбат ба амлокдори золими англис Ч. К. Бойкот истифода бурда буданд. **2**. Саркашӣ намудани аҳолӣ аз иштирок дар интихобот.

**БО́ЙЛЕР**, [англ. boiler < to boil ҷӯшидан]. Обгармкунак; дастгоҳ барои гарм кардани об бо буғи ҷӯше, ки аз қубурҳои даруни ҳавз мегузарад; бештар дар марказҳои гармидиҳандаи электрӣ истифода мешавад.

**БОЙСКА́УТ**, [англ. boy-scout < boy писарбача + scout разведкачӣ]. Писарбача ё наврасе, ки узви ташкилоти скаутӣ мебошад (ниг. *скаутизм*).

**БОЙФРЕ́НД**, [англ. boy-friend < boy писарбача + friend дӯст]. Дӯст, маъшуқе, ки духтар ё зан бо ӯ муносибатҳои доимии маҳрамона дорад (бе никоҳ). || Мқс. гёрлфренд.

**БОКА́Л**, [фр. bocal бонка, шиша]. **1**. Ҷом; соғар; зарфи майнӯшӣ, ки ба қадаҳ (*рюмка*) монанд, вале аз он калонтар аст. **2**. Зарфи силиндршакли дастадор ё бедаста барои нӯшидани пиво, шарбат ва ғ. || Мқс. фужер.

**БОКС**[1], [англ. box зарба]. *варз.* Намуди варзиш – муштзании ду нафар дар *ринг* бо дастпӯшакҳои махсус аз рӯйи қоидаҳои муайян.

**БОКС**[2], [англ. box қуттӣ]. **1**. Дар муассисаҳои тиббӣ, хусусан дар шуъбаи бемориҳои сироятӣ – ҳуҷраи алоҳида, ки дари даромаду баромади ҷудогона дошта, барои ба дигарон сироят накардани беморӣ таъйин шудааст. **2**. Ҳуҷраи (*камераи*) *герметикӣ*

барои кор бо моддаҳои радиоактивӣ ё дигар моддаҳои хатарнок. **3**. Истиғфоргоҳ; тавбахона дар калисои насронӣ. **4**. Қуттии зери хараки фойтунчӣ. **5**. Қуттӣ барои овоздиҳӣ. **6**. Қуттии *абонентӣ* дар *почта*. **7**. Нишеми (*ложаи*) театр. **8**. Саисхона. **9**. Иморат (*ангар*) барои нигоҳдорӣ ва таъмири вагонҳои роҳи оҳан. **10**. Ҳуҷраи телефон-автомат. **11**. Вагончаи ангишткашонӣ дар кони ангишт. **12**. *тех*. Қуттии *клапани* муҳаррики дарунсӯз.

**БОКС**[3], [< англ. box]. Тарзи ороиши мӯйи сари мардҳо – мӯйҳои чаккаи сар ва пуши сар кӯтоҳ карда мешаванд, мисли мӯйи сари боксчиён ва номи чунин ороиш аз ҳамин ҷост.

**БОКСЁ́Р**, [фр. boxeur < англ. boxer]. **1**. *варз*. Варзишгаре, ки бо бокс машғул аст; боксчӣ; муштзан. **2**. Саги кӯтоҳпашм ва кӯтоҳфуки булдогмонанд; булдоги немисӣ. || Мқс. булдог, доберман-пинчер, дог, колли, пинчер.

**БОКСИ́Т**, [фр. beauxite – аз номи музофоти Бо (Beaux) дар ҷануби Фаронса]. *маъд*. Ҷинси кӯҳии таҳшинӣ ё элювӣ (ниг. *элювий*), ки асосан барои ҳосил намудани алюминий ба кор меравад.

**БОЛЕРО́**, [исп. bolero]. **1**. *санъ*. Рақси халқии испанӣ, ки бо ҳаракатҳои чолокона ва мавзуни дасту по ва қарсакзанӣ бо ангуштон иҷро карда мешавад. **2**. *мус*. Асари мусиқии созию овозӣ дар ҳавои чунин рақс. **3**. Камзӯли беостини испанӣ. || Мқс. жилет, фигаро.

**БОЛИ́ВАР**[1], [исп. bolivar – аз номи С. Боливар (1783-1830) – мубориз роҳи озодии мустамликаҳои Испания дар Амрико]. Воҳиди пули Венесуэла, ки ба 100 *сентимо* баробар аст.

**БОЛИВА́Р**[2], [исп. bolivar]. Кулоҳи (*шляпаи*) лапарвасеъ, ки дар солҳои 20-уми асри 19 мӯд шуда буд. || Мқс. сомбреро.

**БОЛИВИА́НО**, [исп. boliviano]. Воҳиди пули Боливия, ки ба 100 *сентаво* баробар аст; соли 1963 бо воҳиди нави пул – *песо* иваз карда шуд.

**БОЛИ́Д**, [фр. bolide < юн. bolis найзаи паррон]. **1**. *аст*. Метеори парроне, ки думи дарозу равшан дорад. **2**. *варз*. Автомобили варзишии тезрав барои пойга.

**БОЛО́МЕТР**, [ол. Bolometer]. *тех*. Асбоб барои чен кардани энергияи афканишоти электромагнитӣ (асосан афканишоти инфрасурх) дар диапазони мавҷҳои дарозиашон аз якчанд метр то якчанд сантиметр.

**БОЛО́НКА**, [аз номи музофоти Болоня дар Италияи Шимолӣ]. Саги хурди хонагие, ки пашми дарози маҳин дорад; ҷинси чунин сагҳо. || Мқс. мопс, левретка, пинчер, пудел.

**БОЛО́НЯ (БОЛО́НЬЯ)**, [аз номи музофоти Болоня дар Италияи Шимолӣ]. **1**. Як навъ матои нейлонии обногузар. **2**. Боронии (*плаши*) аз чунин матоъ дӯхташуда.

**БОЛТ**, [ол. bolt(e)]. Мурват; мехе, ки дар гирдаш барои тоб додани *гайка* ҷӯякчаҳои печон дошта, бо он қисмҳои мошин ё таҷҳизотро бо якдигар васл мекунанд.

**БОЛЬШЕВИ́ЗМ (БОЛШЕВИ́ЗМ)**, [< рус. большинство аксарият]. Назария ва тактикаи ҳаракати пролетариати инқилобӣ, бо роҳи инқилоб барҳам додани ҷамъияти капиталистӣ ва ба ҷои он барпо намудани ҷамъияти коммунистӣ; мафҳуми Б. соли 1903 дар *Съезди* 2-юми РСДРП (Ҳизби сотсиал-демократии коргарии Россия) ба муносибати интихоботи мақомоти роҳбарикунандаи ҳизб ба вуҷуд омад; тарафдорони В. И. Ленин ба аксарияти овозҳо ва рақибонашон ба ақаллияти овозҳо соҳиб шуданд (ниг. *меншевизм*); асоси назарияи Б. *марксизм-ленинизм* мебошад.

**БОЛЬШЕВИ́К (БОЛШЕВИ́К)**, [< рус. большинство аксарият]. Узви ҳизби болшевикон, тарафдори болшевизм, коммунист;

**БОЛЬШЕВИКӢ (БОЛШЕВИКӢ)**, [< рус. большинство аксарият]. Мансуб ба болшевизм ва болшевик.

**БО́МБА**, [фр. bombe]. **1**. Гулӯлаи (*снаряди*) таркандаи харобиовар, ки аз ҳавопаймо барои нест кардани техникаи ҳарбӣ, корхонаю иншоот ва қувваи зиндаи душман партофта мешавад. **2**. Номи пештараи баъзе гулӯлаҳои *артиллерӣ*. **3**. Б о м б а и в у л қ о н ӣ – пораҳои тафтаи сӯзоне, ки ҳангоми фавворазании вулқонҳо ба атроф пош мехӯранд.

**БОМБА́Ж**, [фр. bombage]. Дам кардани бонкаи *консерв* аз сабаби ҳосил шудани газ дар натиҷаи вайроншавии маҳсулот.

**БОМБА́РДА**, [фр. bombarde]. **1**. *таър*. Дар асрҳои 14-16 – тӯпҳое, ки бо гулӯлаҳои сангин мепарронданд; манҷаниқ. **2**. Киштии нақлиётии бонбондори дусутунае, ки барои гулӯлаандозӣ тӯпҳои кӯтоҳмил (*мортираҳо*) дорад.

**БОМБАРДИ́Р**, [фр. bombardier]. **1**. *таър*. Рутбаи ҳарбӣ дар қӯшунҳои артиллерии Россияи подшоҳӣ, ки бо рутбаи *ефрейтори* қӯшунҳои пиёдагард мувофиқ меояд. **2**. *зоол*. Як навъ гамбуск, ки барои муҳофизат намудани худ заҳр мепошад (номаш аз ҳамин ҷост). **3**. *маҷ*. Дар баъзе бозиҳои варзишӣ – бозингаре, ки ба дарвозаи ҳариф аз ҳама бештар гол мезанад.

**БОМОЛО́Х**, [юн. bomolochos]. Дар мазҳакаҳои Юнони қадим – масхарабози содадил.

**БОМО́НД**, [< фр. beau monde]. Аъёну ашроф.

**БОН**, [< ҳол. boon ғӯлачӯб, садд, ғав]. **1**. Ғави шиноваре, ки аз тӯру ғӯлачӯбҳо иборат буда, барои муҳофизати истгоҳи киштиҳо, кӯпрук, дарғот ва ғ. аз киштиҳои рӯиобӣ ва зериобии душман хизмат мекунад. **2**. Лангаргоҳи шиновар барои киштиҳои хурд.

**БОНАБО́**, [лот. Bonabo < афр.]. *зоол*. Намуди нодири маймун, ки аз шимпанзе бо қомати рост, гӯшҳои хурд, пойҳои дарозу зебо ва лабҳои сурхи худ фарқ мекунад.

**БОНАПАРТИ́ЗМ**, [фр. bonapartisme]. **1**. Диктатураи ҳокимияти давлатӣ, ки дар давраи империяҳои Наполеон Бонапарт ва Луи Бонапарт сохти ҳокимияти ҷумҳуриявиро иваз карда буд. **2**. Системаи сиёсие, ки ба ниҳодҳои қудратӣ такя намуда, дар байни синфҳои ба ҳам зид айёрона кор мебарад ва дар айни замон манфиатҳои синфи истисморкунандаро ҳимоя мекунад; мақсади асосии Б. пахш намудани озодиҳои демократӣ мебошад.

**БОНВИВА́Н**, [фр. bon vivant]. Ишратпараст; айёш; одаме, ки беғамона ва айёшона зиндагӣ мекунад.

**БО́НЗА**, [фр. bonze]. **1**. Номи аврупоии рӯҳонии буддоӣ дар Япония ва Чин. **2**. Мансабдори мутакаббиру мағрур.

**БОНИ́СТИКА**, [фр. bonistigue]. *таър*. Соҳаи илми таърих, ки пулҳои коғазӣ ва бонҳоро (ниг. *бонҳо*) чун ҳуҷҷатҳои таърихӣ меомӯзад.

**БОНИТЕ́Т**, [< лот. bonitos хушсифат]. Бонитети ҷангал – хушсифатӣ ва сермаҳсулии ҷангал, ки аз шароити хоку иқлим вобаста аст.

**БОНИТИРО́ВКА**, [< лот. bonitos хушсифат]. **1**. Баҳодиҳӣ ба сифати зоти чорво. **2**. Баҳодиҳии муқоисавӣ ба сифати хок ва хусусиятҳои *агрономии* он.

**БО́ННА**, [фр. bonne доя]. Мураббияи кӯдакон аз ҷумлаи занҳои хориҷӣ дар оилаҳои сарватмандон.

**БОНСА́Й**, [яп. bonsai < bon тубак, + sai парвариш]. **1**. Дарахти паканаи дар тубак парваришшуда. **2**. Санъати парвариши чунин дарахтон, ки дар Япония пайдо шуда, баъдтар дар тамоми ҷаҳон маъмул гардид.

**БОНТО́Н**, [фр. bon ton < bon хуб + ton одоб, шева, рафтор]. Хушодобӣ; хушмуомилагӣ; рафтору гуфтори зебо.

**БО́НУС,** [< лот. bonus хуб, нек]. *тиҷ*. **1**. Подоши иловагӣ; мукофот; инъом.

**БОНХЕ́Д, БОУНХЕ́Д**, [англ. boneheade]. Ниг. *скинхед*.

**БОНҲО**, [фр. bon]. *мол*. **1**. Ӯҳдадории кӯтоҳмуддати хазинадорӣ, мақомоти идоракунии маҳаллӣ ва ширкатҳои хусусӣ дар бораи қарз; ҳуҷҷатҳои қарзӣ, ки ба дорандаи он ҳуқуқ медиҳанд, аз шахс ё муассисае, ки онро додааст, маблағи пулии дар он нишондодашударо гирад; пулҳои коғазии муваққатӣ, ки аз тарафи ҳокимияти маҳаллӣ ва муассисаҳо бароварда мешаванд. **2**. Пулҳои коғазие, ки аз истеъмол баромадаанд. **3**. Ҳама гуна ивазкунандаҳои пулҳои коғазӣ.

**БОП**, [англ. bop]. *санъ*. Яке аз услубҳои ҷаз; *бибоп* низ гӯянд.

**БОР**[1], [ол. Bohr(er)]. *тиб*. Пармаи пӯлодӣ, ки дар муолиҷаи дандон ва дандонсозӣ истифода мешавад.

**БОР**[2], [лот. borax танакор]. *хим*. Элементи химиявӣ, рамзаш B; моддаи сиёҳчатоби кристаллӣ; ба хӯлаҳо барои беҳтар кардани хосиятҳои механикии онҳо ҳамроҳ мекунанд; дар техникаи ядроӣ, инчунин дар соҳаҳои тиб ва кишоварзӣ истифода мешавад; танакор яке аз пайвастҳои бор ба ҳисоб меравад.

**БОРА́**, [ит. bora < юн. boreas боди шимолӣ]. Кӯҳбод; тундбод; шамоли сахт дар минтақаҳои наздибаҳрӣ, ки аз ҷониби кӯҳ мевазад.

**БОРАЗО́Н**, [< *бор*[2] + *нитроген (азот)*]. *хим*. Нитриди сиёҳи бор, ки аз рӯйи хусусиятҳои худ ба алмос наздик аст.

**БОРА́ТҲО**, [< *бор²*]. *хим*. Намакҳои кислотаи бор, ки дар истеҳсоли шиша ва хокаи ҷомашӯӣ (чун нармкунандаи об) ба кор меравад.

**БО́РГЕС**, [ит. borghese шаҳрӣ]. Ҳуруфи (*шрифти*) матбаагӣ, ки андозааш тақрибан 3,88 мм буда, асосан барои чоп кардани рӯзномаҳо истифода мешавад.

**БОРДЕ́Л (БОРДЕ́ЛЬ)**, [фр. bordel кулба]. Фоҳишахона.

**БОРДЕРО́**, [фр. bordereau]. *мол*. **1**. Нусхаи иқтибосӣ аз ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ, суратҳисобҳо ва ғ. **2**. Рӯихати коғазҳои қиматноки фурӯхташуда (саҳмияҳо, *облигатсияҳо, векселҳо* ва ғ.), ки бонк ё *миклер* тартиб медиҳад.

**БОРДО́**, [фр. bordeaux]. Як навъ майи сурхи ҷигариранг, ки дар Бордо ном деҳаи (сонитар шаҳри) Фаронса тайёр карда мешуд ва номаш аз ҳамин ҷост.

**БОРДЮ́Р**, [фр. bordure]. **1**. Ҳошия, шерозаи рангаи коғази девор, матоъ ва ғ. **2**. Деворчаи пасти сангӣ ё бетонӣ, ки роҳи мошингардро аз роҳи пиёдагард ҷудо мекунад.

**БОРЕ́Й**, [юн. Boreas]. **1**. Дар асотири Юнони қадим – худои боди шимолӣ. **2**. *маҷ*. Боди шимолӣ. || Мқс. бора.

**БОРЖО́МИ**, [аз номи шаҳр ва чашмаи машҳур дар Гурҷистон]. Оби маъдание, ки барои табобати баъзе бемориҳои узвҳои дарунӣ истифода мешавад.

**БОРИ́ДҲО**, [< *бор²* + юн. eidos намуд]. *хим*. Пайвасти бору моддаҳои дигар; аз сабаби ба гармӣ тобовар, мушкилгудоз ва ниҳоят сахт буданаш дар саноати мошинсозӣ, авиатсионӣ, ядроӣ ва ғ. истифода мешавад.

**БОРМОШИ́Н**, [ол. Bohrmaschine]. Дастгоҳ барои парма ва тоза кардани дандонҳо.

**БОРНЕО́Л**, [аз номи ҷазираи Борнео]. *хим*. Пайвасти органикӣ – моддаи сахти беранг, ки барои истеҳсоли кофур истифода мебаранд; аз шираи дарахтоне, ки дар ҷазираи Борнео (калонтарин ҷазираи галаҷазираи Малай) мерӯянд, истеҳсол карда мешавад ва номаш аз ҳамин ҷост.

**БОРОПЛА́СТИКҲО**, [< *бор²* + *пластикҳо*]. Пластмассаҳои сахту бадоште, ки дар таркибашон наххои *бор* доранд; дар ҳавопаймосозӣ ва ракетасозӣ истифода мешаванд.

**БОРСЕ́ТКА, БАРСЕ́ТКА**, [< фр boursette ҳамён]. Ҷузвадони хурди (сумкачаи) мардона, ки одатан ба тасмаи шим ё ба панҷаи даст овехта мегарданд.

**БОРТ¹**, [ол. Bort < фр bord канор]. **1**. Девори паҳлӯи киштӣ, бордони мошини боркаш, вагони болокушод ва ғ. **2**. Даруни ҳавопаймо, чархбол, киштии кайҳонӣ ва ғ. **3**. Девораи майдони *хоккей*, мизи *билярд*. **4**. Қисми пеши либоси тугмадор.

**БОРТ²**, [ҳол. boort]. *геол., тех. Агрегатҳои* (ба маън. 3-юм) нодурустшакли алмоси ношаффоф, ки бо мақсадҳои техникӣ, мас., ҳангоми парма кардани қабати замин ба кор меравад.

**БОРТМЕХА́НИК**, [< *борт* + *механик*]. Узви *экипаж*, ки ба кори муҳаррикҳо ва таҷҳизоту асбобҳои дигари ҳавопаймо ё чархбол масъул аст.

**БОРШ (БОРЩ)**, [рус.]. Карамшӯрбо; шӯрбое, ки асосан аз карам ва лаблабуи сурх тайёр карда мешавад.

**БОРШТА́НГА**, [ол. Bohrstange]. Қисми дастгоҳи харротӣ барои тарошидан ё сӯрох кардани металл.

**БОСАНО́ВА**, [порт. bossa-nova *таҳт.* овози нав]. *санъ.* **1**. Зарби мусиқии рақсӣ, ки солҳои 60-уми асри 20 дар мамлакатҳои Амрикои Лотинӣ пайдо шуда, баъдтар дар асоси он пйесаҳои зиёди мусиқӣ навишта шуданд. **2**. Рақси ҷуфте, ки одатан дар базмҳои рақс (*балҳо*) иҷро карда мешавад.

**БОСКЕ́Т,** [фр. bosquet < ит. boschetto ҷангалча]. Қатори дарахт ё буттаҳои баробар қайчизадашуда дар гирди боғ, гулгашт, ҳавлӣ ё дар ду тарафи роҳ; тавораи зинда; буттадевор.

**БОСОНО́ЖКА**, [< рус.]. Кафши сабуке, ки одатан дар тобистон мепӯшанд; аз ҳар тарафаш барои даромадани ҳаво ҷойҳои кушода дорад.

**БОСС**, [англ. boss]. Хӯҷаини корхона; роҳбари муассиса; саркор; сардори ширкат; номи ғайрирасмии мансабдори политсия ва сарвари иттифоқи касаба.

**БОСТО́Н**, [англ. boston аз номи шаҳри Бостони ИМА]. **1**. Як намуди қартабозӣ. **2**. Як намуди рақси ҷуфт, ки ба *валси* суст монанд аст. **3**. Як навъ моҳути баландсифати қиматбаҳо, ки барои дӯхтани шиму костюм истифода мешавад.

**БОТ**, [< ҳол. boot заврақ]. Киштии хурди бонбондори яксутуна.

**БОТА́НИКА**, [< юн. botanike < botane растанӣ, алаф, гиёҳ]. Илми набототот; нобототшиносӣ; соҳаи биология, ки растаниҳоро меомӯзад.

**БОТАНИКӢ**, [< *ботаника*]. Мансуб ба ботаника; б о ғ и  б о т а н и к ӣ – муассисаи илмию тадқиқотӣ, таълимӣ ва фарҳангию маърифатие, ки дар он растаниҳоро парвариш ва тадқиқ мекунанд.

**БОТДЕ́К**, [англ. boat-deck < юн. boat заврақ, киштӣ + deck саҳн]. Саҳни болоии киштиҳои мусофиркаш, ки дар он заврақҳои наҷотдиҳанда ва дастгоҳҳои махсус барои фуровардану боло бардоштани онҳо нигоҳ дошта мешаванд.

**БОТИ́НКА**, [фр. bottine < botte мӯза]. Мӯзаи соққӯтоҳ; ниммӯза.

**БОТРИОМИКО́З**, [< юн. botrys хӯша + mykes занбурӯғ]. *байт.* Беморӣи вазнини сироятии ҳайвонот; бо варами бофтаҳои ғафси пайвасткунанда зоҳир мегардад; барангезандаи Б. занбурӯғчаи ботриомисет мебошад.

**БОТСМАН (БО́ЦМАН)**, [ҳол. bootsman <boot заврақ + man одам]. Командири хурди киштӣ, сардори бевоситаи дастаи (*командаи*) саҳни киштӣ, ки барои тартибот ва риояи тозагӣ дар киштӣ, инчунин барои ба аъзои даста ёд додани кору малакаҳои баҳрнавардӣ масъул аст.

**БОТУЛИ́ЗМ**, [фр. botulisme < юн. bottulus ҳасиб, колбаса]. *тиб*. Бемории вазнини сироятие, ки дар натиҷаи заҳролудшавӣ аз истеъмоли баъзе маҳсулоти хӯрокворӣ (моҳӣ, ҳасиб ва ғ.) пайдо мешавад.

**БО́ТФОРТ**, [фр. bottes fortes мӯзаи бадошт]. Мӯзае, ки соқи дарози сахт ва даҳонвасеъ дорад.

**БО́УЛИНГ**, [англ. bowling саққобозӣ]. Як намуди кеглбозӣ (ниг *кегл*); бо саққоҳои калон зада афтондани фигураҳо.

**БО́ФОРТ**, [англ. Beaunfort]. Ҷ а д в а л и  Б о ф о р т – ҷадвали шартии 12-баллӣ барои чен кардани қувваи шамол ва таъсири он ба объектҳои рӯи замин ва баҳр (0 – бешамолӣ, 4 – шамоли мӯътадил, 10 – тундбод, 12 – тӯфон); соли 1806 контр-адмирали британӣ Френсис Бофорт пешниҳод кардааст.

**БО́ЧКА**, [рус.]. Чалак; зарфи калони металлӣ ё чӯбин, ки тагаш ҳамвор ва миёнаш каме барҷаста аст; барои нигоҳ доштани асал, май ва маҳсулоти диг., дар намак хобондани моҳӣ, помидор, бодиринг ва ғ. истифода мешавад.

**БОШҲО**, [фр. bche]. Лақаби таҳқиромези олмониҳо дар Фаронса.

**БОЯ́РИН**, [рус.]. *таър*. **1**. Унвони ашрофи Руси қадим. **2**. Заминдори калон.

**БРА**, [фр. bras даст]. Чароғи деворӣ.

**БРАВА́ДА**, [фр. bravade]. Мардонагии сохта; далертарошӣ.

**БРАВИ́ССИМО**, [ит. bravissimo оличаноб]. Нидои таҳсину офарини тамошобинони бавaҷдомада дар балет, консерт, опера ва ғ. || Мқс. бис, браво.

**БРА́ВО**, [ит. bravo олӣ]. **1**. Нидои таҳсину офарини тамошобинон. || Мқс. бис, брависсимо. **2**. Дар Италияи асрҳои 17-18 қотили кироя. || Мқс. киллер.

**БРАДЗО́Т**, [норв. bradsot < brad ногаҳонӣ + sott беморӣ]. *байт*. Бемории шадиди сироятии гӯсфандон; ҳангоми ин беморӣ ҷигар ва луобпардаи ҳазорхона аз кор баромада, чорво ҳалок мегардад.

**БРАДИКАРДИ́Я**, [< юн. bradys суст + kardia дил]. *тиб*. Яке аз шаклҳои *аритмия*; сустшавии тапиши дил (камтар аз 60 маротиба дар як дақиқа); баръакси *тахикардия*; || Мқс. асистолия, экстрасистолия.

**БРАДИКИНИ́Н**, [< юн. bradys суст + *кининҳо*]. *биол*. Намояндаи асосии *кининҳо* – моддаҳои фаъоли биологии (*пептидҳои*) ҳайвонот ва одам, ки дар хун пайдо мешаванд.

**БРАДИТЕЛИ́Я**, [< юн. bradys суст + telos анҷом]. *биол*. Суръати сусти таҳаввул (*эволютсия*), ки ба баъзе организмҳо хос мебошад; баръакси *тахителия*.

**БРАК**, [ол. Brack]. Маҳсулоти нуқсондор, иллатнок, ба *стандарт* номувофиқ; кори пастсифату сернуқсон.

**БРАКЕРА́Ж**, [< *брак*]. Сифат ва нуқсону иллатҳои молро муайян намудани молшиносон-бракёрҳо.

**БРАКОНЙЕР (БРАКОНЬЕ́Р)**, [фр. braconnier]. Шахсе, ки дар ҷойҳои мамнӯъ, дар мӯҳлатҳои мамнӯъ ва бо олоту усулҳои мамнӯъ шикор мекунад.

**БРАНДВА́ХТА**, [ҳол. brandwacht]. Киштии посбонӣ дар бандар.

**БРА́НДЕР**, [ол. Brander < Brand сӯхтор]. **1**. Киштии пур аз сӯзишворӣ ё моддаҳои тарканда, ки оташ дода, бо самти вазиши бод ё ҷараёни об ба тарафи киштиҳои душман бо мақсади таркондани онҳо равон карда мешавад. **2**. Киштии кӯҳнае, ки дар даромадгоҳи бандар бо мақсади гирифтани пеши киштиҳои душман қасдан ғарқ кунонда мешавад.

**БРАНДМАЙО́Р**, [ол. Brandmajor < Brand сӯхтор + Major майор]. *кӯҳна*. Сардори идораи сӯхторнишонии шаҳр.

**БРАНДМА́УЭР**, [ол. Brandmauer < Brand сӯхтор + Mauer девор]. Девори ба оташ тобовари байни ду ҳуҷраи як бино ё байни ду бинои ҳамсоя, ки бо мақсади паҳн нагардидани оташ аз масолеҳи дарнагиранда сохта мешавад.

**БРАНДМЕ́ЙСТЕР**, [ол. Brandmeister < Brand сӯхтор + Meister маъмур]. *кӯҳна*. Сардори идораи сӯхторнишонии шаҳр. || Мқс. брандмайор.

**БРАНДСПО́ЙТ**, [ҳол. brandspuit]. **1**. Мили насоси сӯхторнишонӣ; нӯги (ҷумаки) металлии рӯдаи обпошӣ. **2**. Насоси дастии обпошии киштӣ барои шустани саҳни киштӣ ва хомӯш кардани сӯхтор.

**БРАННЕРИ́Т**, [англ. brannertie]. *маъд*. Минерал, оксиди мураккаби титан ва уран, ки дар таркибаш иттрий, торий ва омехтаҳои дигар дорад.

**БРАС**, [ҳол. bras]. Асбобе, ки ба ҳарду нӯги *рей* насб карда мешавад ва барои ба ҳолати уфуқӣ овардани он хизмат мекунад.

**БРА́СА**, [исп. brasa]. Воҳиди дарозӣ дар як қатор мамлакатҳои Амрикои Лотинӣ ва Португалия (б); дар Аргентина 1 б = 1,73 м, дар Бразилия – 2,2 м, дар Португалия – 2,19 м.

**БРАСЛЕ́Т**, [фр. bracelet]. Дастпона; бозубанд; асбоби ороиш аз металл, устухон ва ғ., ки ба банди даст меандозанд.

**БРАСС**, [фр. brasse]. Тарзи шиноварӣ бо ҳаракати баробари дасту пойҳо дар ҳолати уфуқӣ (бо шикам хобидан); ба тарзи шиноварии қурбоққа монанд аст.

**БРАТ**, [ҳинд. қад. бҳрата]. **1**. Писари як падару модар нисбат ба писару духтарони он падару модар; бародар. **2**. Роҳиби насронӣ; мурочиати як роҳиб ё рӯҳонӣ ба роҳиб ё рӯҳонии дигар бо изофа намудани ном. **3**. *мач*. Мурочиати ғайрирасмии мард ба марди бегона.

**БРА́УЗЕР**, [англ. browser]. Барномаи системавии компютерӣ, ки ба тавассути он ҳуҷҷатҳои дар барномаҳои дигар таҳияшударо дидан ё хондан мумкин аст; аксар

вақт барномаеро Б. меноманд, ки алоқаи компютерро бо Интернет таъмин мекунад; Б. дар Интернет шабакаи ба истифодабаранда даркориро меёбад ва аз он ҳуҷҷати заруриро дархост менамояд; баъди дар компютер пайдо шудани ҳуҷҷати дархостшуда Б. дастурҳоеро иҷро мекунад, ки ба намуди зоҳирии ҳуҷҷат дахл доранд; Б.-ҳои маъмултарин: Internet Explorer (IE), Google Chrome, Mozilla Firefox, Opera ва ғ.

**БРА́УЗИНГ**, [англ. browsing]. Хондан ё тамошо кардани иттилооти шабакавӣ дар экрани компютер ба воситаи барномаи махсус – *браузер*.

**БРА́УНИНГ**, [аз номи ихтироъкори амрикоӣ Browning]. Навъи яроқи оташфишони автоматии кӯтоҳмил (таппонча).

**БРАХИГРА́ФИЯ**, [< юн. brachys кӯтоҳ + grapho менависам]. Номи умумии ҳамаи системаҳои кӯтоҳнависӣ. || Мқс. стенография.

**БРАХИКЕФА́ЛИЯ, БРАХИТСЕФА́ЛИЯ (БРАХИЦЕФА́ЛИЯ)**, [юн. brachys кӯтоҳ + kephale сар, калла]. Кӯтоҳсарӣ; каллакӯтоҳӣ. || Мқс. долихокефалия, мезокефалия.

**БРАХИОЗА́ВР**, [юн. brachion даст, китф + …*завр*]. *Динозаври* азимҷуссаи давраи юра аз гурӯҳи *зауроподҳо*; гардану дастҳои дароз дошта, ба заррофа монанд буд; устухонҳои Б. дар Амрикои Шимолӣ ва Африқои Шарқӣ ёфт шудаанд.

**БРАХИСТОХРО́НА**, [< юн. brachistos кӯтоҳтарин + chronos вақт]. *мат.* Хати фурудоии тезтарин, ки бо он ҷисм бесоиш лағжида, аз нуқтаи болоӣ ба нуқтаи поёнӣ мерасад.

**БРА́ШПИЛЬ (БРА́ШПИЛ)**, [ҳол. braadspil]. Ғарғараи дастӣ, буғӣ ё барқӣ дар киштӣ барои бардоштани лангар ва ҷамъ кардани симтанобҳо.

**БРЕ́ВЕ**, [лот. breve]. Руқъаи папаи Рим, ки дар он фармонҳо оид ба масъалаҳои дуюмдараҷаи калисо мухтасар баён карда мешаванд.

**БРЕЗЕ́НТ,** [ҳол. presenning]. Матои ғафсу дурушти обногузар, ки барои дӯзондани либоси махсус, пойафзол, инчунин ҷилду хайма истифода мешавад.

**БРЕЙК**, [англ. break < to break шикастан]. Рақс дар ҳавои поп-мусиқии босуръат ва шӯх бо унсурҳои *пантомима* ва *акробатика*.

**БРЕЙК-ДАНС**, [англ. breakdance < to break шикастан + dance рақс]. **1**. Ниг. *брейк*. **2**. Ҳама гуна мусиқие, ки барои рақси *брейк* мувофиқ бошад.

**БРЕЙК-ДА́НСЕР**, [англ. breakdance < to break шикастан + dance рақс]. Раққоси брейк; шахсе, ки бо усули брейк рақс мекунад; брейкер низ гӯянд.

**БРЕЙН-ДРЕЙН**, [англ. brain drain]. Муҳоҷирати оммавии мутахассисон, олимон ва кормандони эҷодӣ ба шаҳр ё мамлакати тараққикарда ва сатҳи зиндагии мардумаш баландтар.

**БРЕ́КЧИЯ**, [ит. breccia]. *маъд.* Ҷинси кӯҳӣ, ки аз шикастапораҳои шахшудаи ҷинсҳои гуногун таркиб ёфтааст; Б. вулқонӣ, таҳшинӣ ва *тектоникӣ* мешавад.

**БРЕЛО́К**, [фр. breloque]. Овезаи ороишӣ барои зинат додани ягон чизи дигар, аз қабили занҷири соати кисагӣ, ҳалқаи калид ва ғ.

**БРЕНД**, [англ. brand тамғаи мол]. Тамғаи тиҷоратии корхона, ширкат, ки нақши рекламаи онро иҷро мекунад.

**БРЕНД..., БРЕНД-**..., [англ. brand тамғаи мол]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки ба бренд муносибат доштанро ифода мекунад, мас., бренд-имиҷ, бренд-менеҷмент.

**БРЕ́НДИ**, [англ. brandy]. Нӯшокии сахттаъсири спиртӣ; *коняки* англисӣ. || Мқс. виски, ром.

**БРЕНД-И́МИДЖ (БРЕНД-И́МИҶ)**, [англ. brand image]. *тиҷ.* Дар маркетинг – симои мол ё хизматрасонии корхона, ки дар шуури одамон ба вуҷуд омадааст; тасаввуроти одамон дар бораи мол, маҳсулот, хизматрасонии ин ё он корхона, ширкат.

**БРЕНД-МЕ́ЙКЕР**, [англ. brand maker]. *тиҷ.* Ширкат ё мутахассисе, ки бо сохтани *бренд-имиҷ* машғул аст.

**БРЕНД-МЕНЕҶЕР (БРЕНД-МЕ́НЕДЖЕР),** [< англ. brand тамғаи мол + *менеҷер*]. Мутахассиси *бренд-менеҷмент.*

**БРЕНД-МЕНЕҶМЕНТ (БРЕНД-МЕ́НЕДЖМЕНТ),** [< англ. brand тамғаи мол + *менеҷмент*]. Соҳаи фаъолият, ки ба татбиқи воситаҳои гуногуни маркетингӣ нисбати маҳсулот ё *бренди* муайян бо мақсади ҷалб намудани харидорон ба мол ва баланд бардоштани арзиши *бренд* нигаронида шудааст; Б-м. ба ривоҷ ёфтани савдо ва баланд гардидани нархи мол мусоидат мекунад.

**БРЕНД-НЕЙМ,** [англ. brand name < brand тамғаи мол + name ном]. *тиҷ.* Номи бренд, тамғаи мол (хизматрасонӣ).

**БРЕШ**, [фр. breche]. **1**. Шикоф (тарқиш, рахна, сӯрохӣ) дар девор, дар танаи киштӣ ва ғ. **2**. *маҷ.* Рахна, ҷойи суст, мас., дар хати мудофиа.

**БРИГ**, [англ. brig]. Киштии бодбондори дусутуна.

**БРИГА́ДА**, [фр. brigade]. **1**. Иттиҳодияи ҳарбӣ, ки аз якчанд *баталйон, дивизион, полк* ва қисмҳои махсуси ҳарбӣ иборат мебошад. **2**. Иттиҳодияи киштиҳои якхелаи ҳарбӣ дар зери фармондеҳии як *флагман.* **3**. Гурӯҳи (дастаи) кормандони ихтисосашон якхела ё гуногун, ки вазифаи муайянеро иҷро мекунанд, мас., бригадаи истеҳсолӣ, бригадаи сохтмонӣ.

**БРИГАДИ́Р**, [ол. Brigadier]. **1**. Сардори *бригада.* **2**. Рутбаи ҳарбӣ – рутбаи байни полковник ва генерал, ки дар Русия дар асри 18 ҷорӣ шуда буд. **3**. Дар Фаронсаи асрҳои 17-18 – рутбаи ҳарбӣ дар баъзе намудҳои қӯшун; баъдтар – рутбаи унтер-офитсери хурд.

**БРИГАНТИ́НА**, [ит. brigantino]. Киштии сабуки дусутуна, ки дар *грот-сутунаш* бодбони рост ва дар *бизан-сутунаш* бодбони кач дорад.

**БРИ́ДЕЛ (БРИ́ДЕЛЬ)**, [англ. bridle]. Таҷҳизот барои лангарпартоии киштиҳо дар бандар ё дар *рейд*; занҷири металлие, ки як нӯгаш ба лангари таги баҳр ва нӯги дигараш ба чалаки калони дар рӯйи об шинокунанда баста шудааст ва киштиҳо ҳангоми таваққуф кардан таноби худро ба ин чалакҳо мебананд.

**БРИДЖ**, [англ. bridge]. Як навъи қартабозӣ, ки дар Англия ва Америка хеле машҳур аст; ба қатори бозиҳои варзишӣ дохил шуда, аз рӯйи он мусобиқаҳои миллӣ ва байналмилалӣ гузаронда мешаванд.

**БРИ́ДЖА**, [< англ. breeches]. Шими пойҳояш танге, ки одатан бо мӯза ҳангоми аспсаворӣ мепӯшанд; дар артиши баъзе мамлакатҳо – яке аз ҷузъҳои либоси расмии афсарон.

**БРИЗ**, [фр. brise]. Шамоле, ки дар натиҷаи як хел гарм нашудани хушкӣ ва баҳр ба вуҷуд меояд; рӯзона – шамоли намнок аз баҳр ба сӯи замин мевазад (Б.-и баҳрӣ), шабона – шамоли хушк аз замин ба сӯи баҳр мевазад (Б.-и соҳилӣ).

**БРИКЕ́Т**, [< фр. brique хишт]. Маҳсулоти бо ёрии *пресс* ба шакли тахтача ё хишт даровардашуда (мас., Б.-и ангишт, аррамайда ва ғ.).

**БРИЛЛИА́НТ**, **БРИЛЯ́НТ**, [< фр. brilliant дурахшон, тобон, муҷалло]. Алмоси тарошида сайқал додашуда; массаи Б.-ро бо *карат* ҳисоб мекунанд (1 карат = 0,2 г).

**БРИ́НЗА (БРЫ́НЗА)**, [< рум. brinza]. Як навъ панири шӯре, ки одатан аз шири гӯсфанд ва баъзан аз шири буз ва гов тайёр карда мешавад.

**БРИОЛО́ГИЯ**, [< юн. bryon ушна + … *логия*]. *бот.* Ушнашиносӣ; як қисми ботаника, ки ушнаҳоро меомӯзад.

**БРИО́НИЯ**, [< юн. bryo мешукуфам]. *бот.* Як навъ растании печон аз оилаи кадуҳо (тақр. 10 намуд); дар решаи баъзеяшон гликозидҳои заҳрнок вуҷуд доранд; ҳамчун растании ороишӣ парвариш карда мешавад.

**БРИОФИ́ТҲО**, [< юн. bryon ушна + phyton растанӣ]. *бот.* Ушнаҳо ё ушнашаклҳо (тақр. 20 000 намуд); Б. ба ботлохшавии заминҳо, пастшавии сифати марғзорҳо ва пайдошавии *торф* дар ботлохҳо мусоидат мекунанд; дар тиб истифода мешаванд (аз онҳо доруҳои зиддибактериявӣ тайёр мекунанд).

**БРИО́Ш (БРИО́ШЬ)**, [фр. brioche]. Як навъ кулчаи ширмол.

**БРИСТО́Л (БРИСТО́ЛЬ)**, [англ. bristol аз номи Бристол ном шаҳри Англия]. Картони бристолӣ – *картоне*, ки бо роҳи ширеш карда часпондани чанд қабат коғази аълосифат тайёр карда мешавад.

**БРИТА́НИЯ**, [лот. Britannia < brit брит]. Номи қадимаи ҳудуди имрӯзаи Англия, Шотландия ва Уелс, ки аз номи қабилаи *бриттҳо* гирифта шудааст.

**БРИТ-МИЛА́**, [яҳ. қад.]. Дар дини яҳудиён расми ботантанаи хатна; одатан дар 8-рӯзагии кӯдак гузаронда мешавад.

**БРИ́ТТҲО**, [< лот. brit]. *таър.* Қабилаҳои келтӣ, аҳолии асосии Британия аз асри VIII то милод то асри V милодӣ.

**БРИ́ФИНГ**, [англ. briefing < brief кӯтоҳ]. Мулоқоти шахсони расмӣ бо намояндагони ВАО, ки дар он оид ба масъалаҳои мубрами сиёсӣ мухтасар иттилоъ дода мешавад.

**БРИҶ-БОНК (БРИДЖ-БАНК)**, [англ. bridge-bank]. Бонки муваққатие, ки дар мавриди муфлисшавии бонки дигар ташкил карда мешавад; Б.-Б. пасандозҳо ва диг. *пассивҳои* муассисаи муфлисшударо қабул мекунад ва хизматрасонии бонкиро ба муштариёни ин бонк давом медиҳад.

**БРОДВЕ́Й**, [англ. Broadway]. **1**. Кӯчаи дарозиаш зиёда аз 25 км дар ш. Ню-Йорк, ки дар он асосан бонкҳо, муассисаҳои тиҷоратию молиявӣ, марказҳои фароғатию фарҳангӣ, аз ҷумла аксарияти театрҳои ш. Ню-Йорк ҷойгир шудаанд. **2**. *маҷ.* Кӯчаи асосии шаҳр, ки шабу рӯз пур аз сайругашткунандагон аст.

**БРО́ЙЛЕР**, [англ. broiler < to broil дар оташ бирён кардан]. Чӯҷае, ки барои гӯшт парвариш карда шудааст (синнаш 60-70-рӯза, вазнаш – 1,4-1,6 кг).

**БРОКА́Т**, [< ит. broccato]. Матои абрешимии зарбафт.

**БРО́КЕР**, [англ. broker даллол]. **1**. Миёнарав дар байни харидору соҳиби мол, суғуртагиру идораи суғурта, соҳиби киштию кирокунанда; бо супориш ва аз номи мизоҷон амал карда, барои ин хизматона мегирад. **2**. Шахс ё ширкате, ки бо супориши бозингарони биржа тилло, алмос, асъор ва ғ. мехарад ё мефурӯшад. || Мқс. дилер, дистрибютор, маклер, риелтор.

**БРО́ККОЛИ**, [ит. broccoli]. *бот.* Растании яксола аз оилаи чилликгулҳо, яке аз намудҳои гулкарам, ки навдаҳои сермағз дорад; хӯшагулҳои онро бурида, аз он хӯриш ва таомҳои гуногун тайёр мекунанд.

**БРОМ**, [лот. Bromum < юн. bromos бадбӯӣ]. *хим.* Элементи химиявии гурӯҳи VII системаи даврӣ, рамзаш Br, моддаи моеи ҷигарранги бадбӯй; ба гурӯҳи *галогенҳо* мансуб аст; пайвастҳои бром дар соҳаҳои кишоварзӣ, тиб, суратгарӣ истифода мешаванд.

**БРОМИ́ДҲО**, [< *бром*]. *хим.* Пайвастҳои химиявии бром бо элементҳои дигар; дар тиб ва суратгарӣ истифода мешавад.

**БРОМИ́ЗМ**, [< *бром*]. *тиб.* Ҳассосӣ нисбат ба доруҳои бромдор; бо сулфа, зуком, илтиҳоби мултаҳима, *бромодерма* зоҳир мегардад.

**БРОМОДЕ́РМА**, [< *бром* + юн. derma пӯст]. *тиб.* Беморoccupations пӯст, ки бинобар муддати зиёд истифода бурдани доруҳои бромӣ, хусусан бромиди калий, пайдо мешавад; ҳангоми Б. дар рӯй, соқ, сурин доначаҳои гармичамонанди кабуд ё бунафш медаманд.

**БРОНЕ**..., [< рус. броня зиреҳ]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки маънои «зиреҳдор», зиреҳпӯш»-ро ифода мекунад, мас., *бронепоезд, бронетранспортёр*.

**БРОНЕАВТОМОБИ́Л (БРОНЕАВТОМОБИ́ЛЬ)**, [< рус. броня зиреҳ + автомобил]. Автомобили зиреҳпӯш.

**БРОНЕНО́СЕТС (БРОНЕНО́СЕЦ),** [< рус. броня зиреҳ + носить кашондан]. *ҳарб*. Киштии калони зиреҳпӯши ҳарбӣ. || Мқс. линкор.

**БРОНЕПО́ЕЗД**, [< рус. броня зиреҳ + *поезд*]. *ҳарб*. Поезди зиреҳпӯши ҳарбӣ.

**БРОНЕТАНКӢ**, [< рус. броня зиреҳ + *танк*]. *ҳарб*. Қӯшунҳои бронетанкӣ – қисмҳои ҳарбие, ки дорои танк, артиллерияи худгард ва мошинҳои зиреҳпӯш мебошанд.

**БРОНЕТРАНСПОРТЁ́Р**, [< рус. броня зиреҳ + *транспортёр*]. *ҳарб*. Мошини ҳарбии зиреҳпӯши тасмачарх ё дорои чархҳои одӣ барои кашондани лавозимоти ҷангӣ ва аскарон; бо пулемёт мусаллаҳ аст (БТР).

**БРОНТИ́Д**, [< юн. bronte раъд + eidos намуд]. Овози пасти раъдмонанд, ки дар минтақаҳои серзилзила шунидан мумкин аст.

**БРОНТОЗА́ВР**, [< юн. bronte раъд + ...*завр*]. *пал*. Яке аз намудҳои нестшудаи динозавр аз гурӯҳи *зауроподҳо*.

**БРОНХАДЕНИ́Т, БРОНХОАДЕНИ́Т,** [< *бронхҳо* + *аденит*]. *тиб*. Варами лимфагиреҳҳои назди бронхҳо ва трахея, ки бештар ҳангоми бемории сил (асосан дар кӯдакон ва наврасон) мушоҳида мешавад; аломати асосии Б. калон шудани ғуддаҳои лимфа аст; барои ташхиси Б аз усулҳои *рентгенографияи* узвҳои сандуқи сина, *томография*, *медиастиноскопия* истифода мебаранд.

**БРОНХИАЛӢ**, [< *бронхҳо*]. *тиб*. Мансуб ба бронхҳо ва бемориҳои онҳо; зиқи нафаси (астмаи) бронхиалӣ – бемории аллергие, ки дар натиҷаи тангшавии сӯрохии бронхҳои хурд пайдо мешавад; бо хуруҷи нафастангӣ зоҳир мегардад.

**БРОНХИОЛИ́Т**, [лот. bronchiolitis < *бронхҳо*]. *тиб*. Варами *бронхҳои* хурд (бронхиолаҳо); ҳангоми Б. сӯрохи бронхҳои хурд пурра ё қисман баста мешавад; аломатҳои асосии Б.: дамкӯтаҳӣ, сулфаи хушки садодор.

**БРОНХИ́Т**, [лот. bronchitis < *бронхҳо*]. *тиб*. Варами деворҳои (асосан луобпардаҳои) *бронхҳо* (найчаҳои шуш); ҷараёни Б. шадид ва музмин мешавад; бо сулфаи балғамнок, таби баланд, нафастангӣ зоҳир мегардад; бо таъсири инфексияҳо, газҳои заҳрнок, чангу ғубор, тамокукашӣ, хунукхӯрӣ, аллергия (аз чанги коғаз, пашми саг ва ғ.) пайдо мешавад. || Мқс. плеврит, трахеит.

**БРОНХОГРА́ФИЯ**, [< *бронхҳо* + ...*графия*]. *тиб*. Усули тадқиқи рентгенологии *бронхҳо* баъди ба сӯрохи онҳо фиристодани моддаҳои нурногузар (рентгеноконтрастӣ); бо мақсади омӯхтани морфология ва фаъолияти бронхҳо, инчунин ошкор сохтани бемориҳои онҳо (мас., *бронхоэктазия*) истифода мешавад.

**БРОНХОЛИТИА́З**, [< *бронхҳо* + юн. lithos санг]. *тиб*. Беморие, ки ҳангоми он дар ҷавфи бронхҳо сангҳо (*бронхолитҳо*) пайдо мешаванд; аломатҳои Б.: сулфа, хунпартоӣ.

**БРОНХОПНЕВМОНИ́Я**, [< *бронхҳо* + *…пневмония*]. *тиб*. Варами манбаии бронхҳо ва шуш; Б. бо таъсири сироятҳои гуногун, мас., зуком, *туляремия* ва оризаҳои онҳо пайдо шуда метавонад. || Мқс. пневмония.

**БРОНХОСКО́П**, [< *бронхҳо* + *…скоп*]. *тиб*. Яке аз намудҳои *эндоскоп*; найчаи металлии дорои олоти хурди оптикӣ ва рӯшноидиҳанда барои муоинаи роҳҳои нафас.

**БРОНХОСКОПИ́Я**, [< *бронхҳо* + *…скопия*]. *тиб*. Усули муоина ва тадқиқи роҳҳои нафас бо ёрии асбобҳои махсуси оптикӣ (*бронхоскоп, бронхофиброскоп, эндоскоп* ва ғ.).

**БРОНХОСТЕНО́З**, [< *бронхҳо* + юн. stenosis танг шудан]. *тиб*. Бебозгашт танг шудани сӯрохи *бронх* дар натиҷаи нуқси инкишофи он, омосҳои гуногун, ба бронх фишор овардани омоси дохили қафаси сина, варами девораҳои бронх ва ғ.; аломатҳои Б.: сулфаи хушк ё тар, гоҳо хунпартоӣ.

**БРОНХОЭКТАЗИ́Я**, [< *бронхҳо* + юн. ektasis васеъ шудан]. *тиб*. Бемории музмини узвҳои нафас, ки боиси васеъ ва дигаргун шудани бронхҳо мегардад; дар натиҷаи то охир табобат накардани бронхити музмин, газаки шуш, зуком, бемориҳои сироятии кӯдакон (сулфакабутак, сурхча) ва ғ. пайдо мешавад.

**БРО́НХҲО**, [< юн. bronchos гулӯ]. *анат*. Шохаҳои нойи нафаскашӣ, ки ҳаворо ба шуш мебаранд; ду бронхи асосӣ – рост (калонтар) ва чап (хурдтар) ба шуш даромада, ба шохаҳои калону хурд тақсим мешаванд; ҳар шоха дар навбати худ ба *алвеолаҳо* ворид мегардад.

**БРОШ (БРОШЬ)**, [фр. broche]. Асбоби оройиши занона, ки ба либос дар сари сина халонда мемонанд; сӯзани қубба; брошка низ гӯянд.

**БРОШЮ́РА**, [фр. brochure]. Китобчаи муқоваааш тунук, ки одатан аз 5 – 48 саҳифа иборат аст.

**БРУ́ДЕР**, [англ. brooder < to brood тухм зер кардан ]. *тех*. Асбоби махсус барои гарм кардани чӯҷаҳо дар ҳафтаи якуми баъди аз тухм баромаданашон. || Мқс. брудергауз.

**БРУДЕРГА́УЗ**, [англ. < to brood тухм зер кардан + house хона]. Мурғхонаи гармшаванда барои парвариши чӯҷаҳо.

**БРУДЕРША́ФТ**, [ол. Bruderschaft бародарӣ]. Дӯстгонӣ; қ а д а ҳ б а р д о р и и б р у д е р ш а ф т – ду кас ба нишони дӯстӣ ва муҳаббат дасташонро бо дасти якдигар ҳалқа карда, қадаҳ менӯшанд, якдигарро мебӯсанд ва ба «ту-ту» мегузаранд.

**БРУЛЙО́Н (БРУЛЬО́Н)**, [фр. brouillon мусаввада]. Ангораи якуми (тарҳи хомакии) нақша ё сурат. || Мқс. абрис, эскиз.

**БРУ́СТВЕР**, [ол. Brustwehr]. **1**. Хоктӯдаи пеши хандақ барои муҳофизат аз тири душман; ҷонпаноҳ. **2**. Дар киштиҳои ҳарбӣ паноҳгоҳи зиреҳпӯши амудӣ дар пояи манора, дудкаш ва ғ.

**БРУТСЕ́ЛЛАҲО (БРУЦЕ́ЛЛАҲО)**, [аз номи духтури англис Д. Брюс, ки микроби брутселларо кашф кардааст]. Бактерияҳои саққошакл ё чӯбчашакле, ки беморӣи брутселлёзро ба вуҷуд меоранд.

**БРУТСЕЛЛЁ́З (БРУЦЕЛЛЁ́З)**, [< *брутселлаҳо*]. *байт., тиб.* Беморӣи музмини сироятии одам ва чорво (буз, гов, гӯсфанд, хук), ки ангезаи он *брутселлаҳо* ном микробҳо мебошанд; чорво ба воситаи обу хӯрок, одам бошад, ҳангоми истеъмоли шир ва маҳсулоти ширии чорвои касал, инчунин ҳангоми нигоҳубин ва зоёндани чорво, куштану пора кардани чорвои гирифтори Б. сироят меёбад; бо табларза, калоншавии ҷигар ва испурҷ, дарди буғумҳо зоҳир мегардад.

**БРУ́ТТО**, [ит. brutto дағал, дурушт]. **1**. Вазни мол якҷоя бо зарфаш; баръакси *нетто*. **2**. Даромади умумӣ бе назардошти хароҷот.

**БРЮК**, [ҳол. broek]. Шим.

**БРЮ́МЕР**, [фр. brume туман]. Моҳи дуюми тақвими инқилобии Фаронса, ки онро с. 1793 *конвент* ҷорӣ карда буд; 18-уми брюмери соли соли ҳаштуми ҷумҳурӣ (9 ноябри с. 1799) табаддулоти давлатӣ ба вуҷуд омад, ки ба диктатураи ҳарбии Наполеон Бонапарт ибтидо гузошт.

**БРЮНЕ́Т, БРЮНЕ́ТКА**, [< фр. brunet]. Мард, зани сиёҳмӯй. || Мқс. блондин, блондинка.

**БУБО́Н**, [фр. bubon < bubon қадкашак]. *тиб.* Хиёрак; варами лимфагиреҳҳо; ҳангоми БПНМ (СПИД) дар паси гӯш ва ҷойҳои дигари бадан, ҳангоми сифилис, сӯзок (шанкр) ва дигар бемориҳои зӯҳравӣ дар қадкашак мушоҳида карда мешавад.

**БУ́ГИ-ВУ́ГИ**, [англ. boogie-woogie]. Як навъ фортепянонавозӣ ва рақси *блюз* дар *ҷаз*.

**БУ́ДДО**, [< санск.buddha покшуда]. **1**. Номе, ки асосгузори дини *буддоия* Сиддаҳартҳа Гаутама Шакямуни (с.с. 623 – 544 то милод) ба худ гирифтааст. **2**. Дар дини буддоия вуҷуде, ки ба авҷи қудсият расидааст.

**БУДДОИЯ́**, [< *буддо*]. Таълимоти динии Буддо; мазҳаби буддоӣ; дар қатори динҳои насронӣ ва ислом яке аз динҳои ҷаҳонӣ, ки дар Хитой, Япония, Ҳиндустон, Муғулистон ва дигар мамлакатҳои Шарқ паҳн гардидааст; ҷараёнҳои асосии он: ҳинаяна, маҳаяна, ваҷраяна; дар асри 6 то милод дар Ҳиндустон пайдо шудааст, асосгузори он Сиддаҳартҳа Гаутама Шакямуни ҳисоб меёбад, ки баъдтар номи Буддо (покшуда)-ро гирифтааст.

**БУДИ́ЛЬНИК (БУДИ́ЛНИК)**, [рус. < будить бедор кардан]. Соати зангдор.

**БУДУА́Р**, [фр. boudoir]. *кӯҳна*. **1**. Дар кӯшки аҳли ашроф ва одамони сарватманд – ҳуҷраи махсуси кадбону барои пазироии меҳмонони муътабар. **2**. Ҷиҳози чунин ҳуҷра.

**БУ́ЕР**, [ҳол. boeier]. Заврақ ё чанаи секунҷаи бодбондор, ки дар рӯйи ях мегардад.

**БУЖ**, [фр. bougie]. Асбоби тиббии меҳваршакли сахт ё чандир, ки ба рӯда ё дигар узвҳои найчашакл бо мақсади васеъ ё тадқиқ намудани онҳо меандозанд.

**БУЖЕНИ́НА**, [рус.]. Гӯшти хуки ба таври махсус ҷӯшондашуда.

**БУЙ**, [ҳол. boei]. Аломати шиновар, ки дар ҷойҳои кушоди баҳр, инчунин дар халиҷҳо ва роҳҳои киштигард барои нишон додани ҷойҳои хатарнок гузошта мешавад; пойобнамо.

**БУ́ЙРЕП**, [ҳол. boeireep]. Симтанобе, ки бо он *буйро* ба лангар мебанданд.

**БУКЕФА́Л, БУЦЕФА́Л (БУТСЕФА́Л)**, [< юн. Bukephalos]. Номи аспи Искандари Мақдунӣ; мувофиқи ривоят, аспи ёбоие, ки Искандари Мақдунӣ онро ром кардааст.

**БУКИНИ́СТ**, [фр. bouquiniste < bouquin китоби кӯҳна]. Фурӯшандаи китобҳои кӯҳна, қадима ва нодир.

**БУКЛЕ́Т**, [англ. booklet]. Китобчае, ки дар варақи яклухт чоп шуда, саҳифаҳояш қат карда шудаанд ва онро набурида хондан мумкин аст; одатан роҳнамоҳо, харитаҳои географӣ, рекломҳо ва баъзан китобчаҳои кӯдакона дар шакли Б. чоп карда мешаванд.

**БУКМЕ́КЕР**, [англ. bookmaker]. Шахсе, ки дар бозии *тотализатор* (асосан дар пойга, асптозӣ, футбол ва ғ.) қиморпулӣ қабул мекунад.

**БУКО́ЛИКА**, [< юн. bukolikos чӯпонӣ]. Жанри адабии аҳди атиқа, ки дар он зебоӣ ва дилфиребии ҳаёти чӯпонӣ дар оғӯши табиат васф карда мешавад.

**БУКО́ЛҲО**, [< юн. bukolos чӯпон]. *таър*. Чӯпонон, деҳқонон ва ғуломони Миср, ки соли 172 ба муқобили ғуломдорони Рим исён бардошта буданд; роҳбарашон Исидор ном шахсе буд, ки худро пайғамбар мешумурд; исён аз тарафи лашкари Авдий Кассий пахш карда шуд.

**БУКРИ́ДЕР**, [англ. bookreader < book китоб + read хондан]. Планшети махсус барои хондани китобҳои электронӣ.

**БУКС**, [< лот. buxus]. *бот*. Навъи шамшод, ки чӯбаш вазнин ва ниҳоят сахт аст.

**БУКСИ́Р**, [ҳол. boegeseren кашола кардан]. **1**. Ядаккиштӣ, ядакмошин; киштӣ ё мошине, ки аз паси худ киштӣ ё мошини дигарро кашола карда мебарад. **2**. Таноби ғафси муқаррарӣ ё симин барои ҳамин мақсад.

**БУЛАВА́**, [< лот. bulla саққои оҳанин]. **1**. Як навъ олати ҷангии қадимаи дастадор, ки дар нӯги дастааш саққои вазнини сангӣ ё металлӣ насб карда шудааст; гурз. **2**. Нишони ҳокимият дар Туркия, Полша ва Украина (то асри XIX). **3**. Олати кӯзашакл барои машқ дар *гимнастикаи* бадеӣ ва варзишӣ.

**БУЛАНЖЕРИ́Т**, [англ. boulangerite]. *маъд.* Маъдане, ки таркибаш аз сулфиди қӯрғошим, сурма ва омехтаҳои оҳан, мис, руҳ иборат аст; аз Б. қӯрғошим ҳосил мекунанд.

**БУ́ЛБА (БУ́ЛЬБА)**, [белорус.]. **1**. Картошка. **2**. Суруди рақсии халқии белорусӣ.

**БУЛВА́Р (БУЛЬВА́Р)**, [фр. boulevard]. Гулгашти сердарахти қад-қади кӯчаи шаҳр, одатан дар мобайни он; кӯчабоғ.

**БУЛВАРӢ (БУЛЬВАРӢ)**, [< *булвар*]. Мансуб ба *булвар*; а д а б и ё т и б у л в а р ӣ – адабиёти кӯчагӣ; асарҳое, ки арзиши бадей надошта, барои хонандагони пастзавқ таълиф шудаанд; дар чунин асарҳо одатан ҷиноятҳо, саргузаштҳои пурмоҷаро, таъқибу типаррониҳо, саҳнаҳои шаҳвонӣ тасвир карда мешаванд; н а ш р и я и б у л в а р ӣ – рӯзнома ё маҷаллае, ки ба хотири зиёд шудани хонандагонаш ҳар гуна хабару мақолаҳои ҳангоманок, иғвоангез ва аксари вақт носаҳеҳро чоп мекунад.

**БУЛДЕНЕ́Ж (БУЛЬДЕНЕ́Ж)**, [фр. boule de neige лӯндаи барф]. *бот.* Буттаи боғӣ, ки гулҳои сафеди лӯнда дорад; аз ҷинси дарахти *калина.*

**БУЛДО́Г (БУЛЬДО́Г)**, [англ. bulldog <bull буқка + dog саг]. **1**. Зоти саги хонагӣ ва хизматӣ, ки фӯки паҳн, пойҳои каҷи кӯтоҳ, сари калон ва синаи васеъ дорад. **2**. Таппончаи милкӯтоҳ.

**БУЛДО́ЗЕР (БУЛЬДО́ЗЕР)**, [англ. bulldozer]. *тех.* **1**. Мошини заминкани дорои бели калон барои ҳамвор кардани замин ва ба ҷойи дигар тела дода бурдани хок. **2**. Дастгоҳи пуриқтидор барои қат кардан ва ба шаклҳои гуногун даровардани маҳсулоти металлӣ.

**БУЛИМИ́Я**, [< юн. bus буқка limos гуруснагӣ]. *тиб.* Эҳсоси гуруснагии сахт; якҷоя бо сустии бадан ва дард дар қафаси сина ҷараён меёбад; дар натиҷаи вайрон шудани мубодилаи моддаҳо, ҳангоми бемориҳои эндокринӣ ва баъзе бемориҳои диг. пайдо мешавад. || Мқс. полидипсия, полифагия.

**БУЛЙО́Н (БУЛЬО́Н)**, [фр. bouillon]. Обе, ки дар он мурғ, моҳӣ, гӯшт ё сабзавот ҷӯшидааст; оби шӯрбо; пиёба.

**БУ́ЛКА**, [рус.]. Як навъ ноне, ки бо орди сафеди гандум дар тафдон пухта мешавад.

**БУ́ЛЛА**, [< лот. bulla саққои оҳанин]. *таър.* **1**. Дар Рими қадим тӯмори саққошакле, ки фарзандони шаҳрвандони комилҳуқуқ то ба синни балоғат расиданашон ба гардан овехта мегаштанд. **2**. Дар асрҳои миёна дар Аврупои Ғарбӣ – амр ё қарори *император*. **3**. Паём ё амри Папаи Рим.

**БУЛЛИ́Т**, [англ. bullet тир]. *варз.* Дар *хоккей* (чавгонбозии рӯи ях) – *шайбаи* ҷаримавӣ ба дарвозаи ҳариф. || Мқс. пеналти.

**БУ́ЛОЧКА**, [рус. < *булка*]. *Булкаи* хурд; булкача.

**БУЛТЕРЙЕ́Р (БУЛЬТЕРЬЕ́Р)**, [англ. bullterrier]. Зоти саги англисӣ, ки ҷисман хурд бошад ҳам, ҷоғу панҷаҳои гиро дорад; одатан дар сагҷанг истифода мебаранд.

**БУМ**, [англ. boom]. **1**. Рушди ногаҳонӣ ва кӯтоҳмуддати саноат ва савдо. **2**. Ҳаёҳӯи беасос ва барзиёд дар атрофи чизе. **3**. Чӯби чортароши ба таври уфуқӣ дар болои ду пояи амудӣ устувор кардашуда барои иҷрои машқҳои варзишӣ ё ром кардани сагҳои хизматӣ.

**БУМАЗЕ́Я**, [ит. bambagino пахтагӣ]. Матои мулоими пахтагии патдор, ки одатан барои дӯхтани либосҳои занона ва кӯдакона ба кор меравад; бумазӣ.

**БУ́МЕР**, [англ. boomer кенгуруи нар]. *гуфт*. Шахсе, ки дар атрофи чизе ҳаёҳӯй мебардорад.

**БУМЕРА́НГ**, [англ. boomerang]. Силоҳи австралиягиҳои тагҷойӣ ба шакли дос ё гурзи каҷ, ки баъди моҳирона ҳаво додан боз ба назди шахси ҳаводода бармегардад.

**БУ́НА**, [ол. Buhne]. Иншооти *гидротехникӣ* дар шакли сарбанди кӯндаланг барои танзими ҷараёни об ва муҳофизати соҳил ё иншооти гидротехникӣ аз шусташавӣ. || Мқс. брекватер, пирс.

**БУНГА́ЛО**, [англ. bungalow]. Иморати сабуки айвондори истиқоматии берунишаҳрӣ. || Мқс. вилла, дача.

**БУНДЕСВЕ́Р**, [ол. Bundeswehr]. Қувваҳои мусаллаҳи Олмон аз соли 1956.

**БУНДЕСТА́Г**, [ол. Bundestag]. Палатаи поёнии парламент дар Олмон.

**БУ́НКЕР**, [англ. bunker]. **1**. Анбори ангишт дар назди оташхонаи киштӣ. **2**. Қуттӣ барои нигоҳ доштани маводи пошхӯранда (мас., ғалла, пахта ва ғ.) дар комбайн, элеватор, мошини пахтачинӣ. **3**. Паноҳгоҳи мустаҳками зеризаминӣ.

**БУНТ**, [< ол. Bund иттифок]. **1**. Исён, ошӯб, балво. **2**. Ғарам, даста, той, банд.

**БУР**, [ол. Bohrer парма]. Дастгоҳ барои парма кардани нақб, чоҳ ва ғ.

**БУРБО́Н**, [фр. Bourbons номи сулолаи Бурбонҳо дар Фаронса]. Сардори камсаводи мағруру ҳавобаланд; шахси дағалу ҷоҳил.

**БУРГ**, [лот. burgus]. **1**. Дар Аврупои Ғарбии асрҳои миёна – қаср, қалъа. **2**. Воҳиди маъмурию ҳудудӣ дар Шотландия.

**БУРГГРА́Ф**, [ол. Burggraf]. Дар Олмони асрҳои миёна – ҳокими қалъа (*бург*) ва шаҳр, ки ҳокимияти маъмурӣ, ҳарбӣ ва судӣ дар дасташ буд; аз тарафи шоҳ ё *епископ* таъйин карда мешуд.

**БУ́РГЕР**, [англ. burger]. Кулчаи гирде, ки дар дарунаш ягон хӯриш дорад; ниг инчунин *гамбургер*.

**...БУРГЕР**, [англ. burger]. Қисми дуюми калимаҳои мураккаб, ки навъҳои бургерро мефаҳмонад, мас., *гамбургер, чизбургер, чикенбургер*.

**БУРГОМИ́СТР**, [ол. Burgermeister]. **1**. *зоол*. Моҳихӯраки қутбӣ; калонтарин парранда аз оилаи моҳихӯракҳо (дарозиаш то 0,8 м); дар арзҳои аз хати устуво дури Қутби

Шимол дар наздикии бозори паррандаҳо лона мегузорад; аксари вақт тухм ва чӯҷаҳои паррандаҳои муҳоҷирро мехӯрад. **2**. Шаҳрдор; раиси шаҳр дар баъзе мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ.

**БУРГУ́НДИЯ**, [фр. Bourgoghe]. Номи вилоят дар Фаронса дар ҳавзаи дарёи Сена; дар асрҳои миёна – номи шоҳигарие, ки марказаш дар Лион воқеъ шуда буд; баъдҳо (дар асрҳои 15-18) номи музофот дар ҳайати шоҳигарии Фаронса.

**БУРЖУА́**, [фр. bourgeois]. **1**. Дар Аврупои Ғарбии асрҳои миёна – сокини шаҳр (*бюргер*). **2**. Дар *марксизм* – намояндаи синфи *буржуазия*. **3**. *маҷ*. Одами худбин, бепарво, шикамсери бемаърифат.

**БУРЖУАЗИ́Я**, [фр. bourgeoisie шаҳриён]. **1**. Дар Аврупои Ғарбии асрҳои миёна – яке аз табақаҳои аҳолии шаҳр (тоҷирон, судхӯрон, ҳунармандон, майдасавдогарон ва ғ.). **2**. Дар *марксизм* – синфи ҳукмрони ҷамъияти капиталистӣ, ки соҳиби воситаҳои асосии истеҳсолот буда, аз ҳисоби истисмори меҳнати коргарон, инчунин аз ҳисоби арзиши изофаи дар натиҷаи истифодаи меҳнати кироя ба даст овардааш зиндагӣ мекунад ва сарватманд мешавад.

**БУРЖУАЗӢ,** [< *буржуазия*]. Мансуб ба *буржуазия*; и н қ и л о б и б у р ж у а з ӣ – инқилоби иҷтимоӣ, ки мақсади асосии он нест кардани сохти феодалӣ ва пойдор намудани ҳукмронии буржуазия мебошад.

**БУ́РКА**, [турк.]. **1**. Як навъ чакмани мардонаи китфаш рости васеъ, ки кавказиҳо мепӯшанд. **2**. Мӯзаи намадин, ки тагаш аз чарм аст.

**БУРМИ́СТР**, [пол. burmistrz шаҳрдор, раиси шаҳр]. *таър*. Дар Россияи *крепостноӣ* – идоракунандаи мулки *помешик*; пас аз ислоҳоти соли 1861 – арбоби (*старшинаи*) волост.

**БУ́РСА**, [лот. bursa ҳамён, халта]. **1**. Дар асрҳои миёна – хобгоҳ барои донишҷӯёни камбағал дар назди донишгоҳҳо, омӯзишгоҳҳо ва семинарияҳои динӣ. **2**. Дар Россияи асрҳои 18-19 – омӯзишгоҳ ё семинарияи динӣ. **3**. Номи умумии хатмкардагони чунин омӯзишгоҳ ё семинария.

**БУРСИ́Т**, [лот. bursa ҳамён, халта]. *тиб*. Газаки халтачаҳои луобдори банду буғум; дар натиҷаи зарбу лат, харошёбӣ, ҷароҳати хурди буғумҳо ё чун оризаи бемориҳои римнок (мас., пучак) ва сироятӣ бештар дар атрофи бандҳои оринҷ, китф, зону, соқу панҷаи по, косу рон ба вуҷуд меояд.

**БУСИДО́**, [яп. тариқати ҷанговар]. Кодекси рафтори самурайҳои японӣ.

**БУССО́Л (БУССО́ЛЬ)**, [фр. boussole]. *геод*. **1**. Асбоби зовиясанҷ барои чен кардани *азимути* магнитии самтҳои маҳал. **2**. Асбобе монанди қутбнамо, ки дар *геодезия* ва *артиллерия* барои чен кардани кунҷҳои уфуқӣ кор фармуда мешавад.

**БУ́СТЕР**, [англ. booster]. *тех*. Асбоби ёрирасон барои афзудани иқтидор, қувваи кашандагӣ ва суръати кори мошин ё механизм; нерӯфизо.

**БУСТРОФЕДО́Н**, [юн. bustrophedon < bus букқа + strepho мегардонам]. Яке аз усулҳои қадимаи хатнависӣ, ки чунин аст: сатри якум, масалан, аз рост ба чап навишта мешуд, сатри дуюм аз чап ба рост, сатри сеюм боз аз рост ба чап, ҳамин тавр то охири матн.

**БУТАДИЕ́Н**, [< *бутан* + *ди*...]. *хим*. Гази беранги карбогидридӣ, ашёи хом барои истеҳсоли каучуки сунъӣ.

**БУТА́НҲО**, [< юн. butyron равған]. *хим*. Газҳои беранг ва бебӯйи карбогидридӣ; формулаи умумиашон – $C_4H_{10}$; аз гази нафт ва газҳои табиӣ ҳосил карда мешаванд; чун сӯзишворӣ ба кор мебаранд.

**БУТА́РА**, [< лот. butarium чалак]. *тех*. Асбоб барои шустани рег ва маъданҳои пошхӯранда (тилло, платина, нуқра, алмос ва ғ.).

**БУТАФО́РИЯ**, [< ит. buttafuori парто]. **1**. Ашёи дар саҳнаи театр истифодашавандае, ки ба шакли ашёи ҳақиқӣ сохта шудаанд (мас., шамшери чӯбин, ки аз дур чун шамшери ҳақиқӣ менамояд). **2**. *маҷ*. Карруфари зоҳирӣ; чизи дурахшони қалбакӣ.

**БУТЕРБРО́Д**, [ол. Butterbrod нону маска]. Пораи тунуки нон бо маска, панир ё ҳасиб.

**БУТИ́К**, [фр. boutique]. Мағозаи либосҳои мӯд ва аълосифат.

**БУТИРА́ТҲО**, [< юн. butyron равған]. Намакҳо ва эфирҳои кислотаи равғанӣ; дар атторӣ ба кор мераванд.

**БУТИРО́МЕТР**, [< юн. butyron равған + ...*метр*]. Асбоб барои чен кардани миқдори равғани шир. || Мқс. лактометр, лактоскоп.

**БУТЛЕ́ГЕР**, [англ. bootlegger < boot мӯза + leg пой]. Фурӯшандаи машруботи спиртии қочоқӣ; қочоқчие, ки чунин машруботро бо роҳи пинҳонӣ ба мамлакат меорад; пештар шишаи майро ба соқи мӯза андохта, аз сарҳад мегузаштанд ва истилоҳ аз ҳамин пайдо шуд.

**БУТО́Н**, [фр. boutjn]. *бот*. Муғчаи растанӣ; ғунча.

**БУ́ТСИ**, [англ. boots]. Пойафзоли варзишии нӯгсахт ва тагаш дандонадор барои бозии футбол.

**БУ́ФЕР**, [англ. buffer]. **1**. *тех*. Асбоби пружинадор ё резиндор дар воситаҳои нақлиёт барои суст кардани таъсири зарба, мас., зарбаи байни вагонҳо; Б.-и мошинҳоро *бампер* меноманд. || Мқс. амортизатор, бампер, рессора. **2**. *инф*. Иттилооти матнӣ (калима, ибора, ҷадвал ва ҳатто китоб) дар хотираи оперативии компютер (РАМ); ҳангоми ба Б. ворид шудани иттилооти нав ё хомӯш кардани компютер иттилооти пештар мавҷудбуда ба таври автоматӣ нест мешавад.

**БУФЕРӢ**, [< *буфер*]. Мансуб ба *буфер*; д а в л а т и  б у ф е р ӣ – одатан давлати майда ва аз ҷиҳати иқтисодӣ, ҳарбӣ ва сиёсӣ заифе, ки дар байни давлатҳои калону муқтадир воқеъ гаштааст ё зери таъсири онҳо мондааст.

**БУФЕ́Т**, [фр. buffet]. **1**. Ҷевон барои нигоҳ доштани зарфиёт, мева, нӯшокӣ. **2**. Дӯкон барои фурӯши нӯшокӣ, газак ва хӯрокҳои саридастӣ дар ошхона, қаҳвахона, тарабхона ва ғ.

**БУФФО́Н**, [фр. bouffon]. *санъ*. Ширинкор, масхарабоз дар мазҳакаҳои италиёвии асри XVIII.

**БУФФОНА́ДА**, [ит. buffonata ширинкорӣ]. *санъ*. Ширинкорӣ, масхарабозӣ, ҳазлу шӯхӣ, ки дар намоишҳои саҳнавӣ (сирк, эстрада, театр) иҷро карда мешавад.

**БУХГА́ЛТЕР**, [< ол. Buch китоб + halten доштан]. Ҳисобдор, муҳосиб; мутахассисе, ки бо ҳисобу китоби фаъолияти молиявии корхона (муассиса, ташкилот) ва омодасозии ҳисоботе, ки дар он дороиҳо ва қарзҳои корхона нишон дода мешаванд, машғул аст.

**БУХГАЛТЕ́РИЯ**, [< ол. Buch китоб + halten доштан]. **1**. Ҳисобдорӣ; ҳисобу китоби ҳуҷҷатии дахлу харҷи корхона, ташкилот, соҳибкор. **2**. Шуъбаи ҳисобдории корхона, ташкилот, муассиса.

**БУХГАЛТЕРӢ**, [< *бухгалтерия*]. Мансуб ба *бухгалтерия*; китоби бухгалтерӣ – феҳристи пурраи ҳамаи ҳисобҳои корхона дар шакли китоб ё дар хотираи компютер.

**БУ́ХТА**, [ол. Bucht]. Халиҷи начандон калон, ки ба сифати қароргоҳи киштиҳо истифода мешавад. || Мқс. гаф, лагуна.

**БУҶЕ́Т**, [фр. budget]. **1**. Рӯихати (*сметаи*) даромаду хароҷоти давлат, корхона, ширкат, шахси алоҳида дар давраи муайян, ки бо пул ифода ёфтааст. **2**. Б.-и истеъмолӣ – тавозуни миёнаи омории дахлу харҷи оила, ки сатҳи зиндагии табақаҳои гуногуни аҳолиро ифода мекунад. **3**. Касри (дефисити) Б. – зиёд будани қисми хароҷоти буҷет нисбат ба қисми даромади буҷет.

**БУҶЕТӢ**, [< *буҷет*]. Мансуб ба буҷет ё моддаҳои дахлу харҷи он; соли буҷетӣ – соли бо қонунгузорӣ муқарраршудаи таҳия, тасдиқ ва истифодаи буҷети давлатӣ.

**БУ́ШЕЛ (БУ́ШЕЛЬ)**, [англ. bushel]. Воҳиди ҳаҷми ҷисмҳои пошӯранда ва моеъ дар Англия (баробар ба 36,3 л) ва ИМА (баробар ба 35,2 л). || Мқс. арроба, баррел.

**БУШЛА́Т**, [рус. < турк.]. Камзули кӯтоҳи баҳрнавардон (*матросҳо*).

**БУ́ШПРИТ**, [англ. bowsprit]. Ғӯлачӯби уфуқӣ ё уребе, ки аз нӯги киштӣ баромада меистад.

**БҲАРА́Т**, [ҳинд.]. Номи расмии Ҳиндустон ба забони ҳиндӣ; дар қадим Ҳиндустонро «Бҳаратаварша», яъне мамлакати бҳаратҳо меномиданд; Б. аз номи сардори яке аз қабилаҳои қадими Ҳинд – Бҳарата гирифта шудааст.

**БҲАРА́ТА**, [ҳинд.]. **1**. Қабилаи қадими ориёиҳои Ҳиндустон, ки ба ин давлат асос гузоштаанд. **2**. Номи сардори ҳамин қабила.

**БҲАРА́ТИ**, [ҳинд.]. Дар дини ҳиндуия – худои сухан ва суруд.

**БЭ́ЙБИ, БЕ́БИ**, [англ. baby]. **1**. Тифли хурд, майдача, нинича. **2**. Азизакам, ҷонакам (дар мурочиати мард ба зан ва баръакс).

**БЭКГРА́УНД**, [англ. background]. **1**. Дар санъати тасвирӣ ва дизайни компютерӣ – ранг ё сурати заминавӣ (*фон*). **2**. *маҷ*. Ҳамаи он чизе, ки ба таҷрибаи ҳаёт, ақлу заковат, ҷаҳонбинӣ, сатҳи маълумот ва фарҳанги инсон дахл дорад; гузаштаи шахс, ки ба хулқу хӯ, одат, ҷаҳонбинӣ ва малакаҳои ӯ нақш гузоштааст.

**БЭ́КХЭНД**, [англ. back-hand]. *варз*. Зарба аз чап дар теннисбозӣ.

**БЭҶ**, [англ. badge]. Ниг. бейҷ.

**БЮВА́Р**, [фр. buvard]. Ҷузвдони рӯйимизӣ барои нигоҳ доштани коғаз, рангчин, лифофа ва ғ.

**БЮВЕ́Т**, [фр. buvette]. Иншооти болои чашмаи маъданӣ, ки оби маъданиро бевосита аз ҳамон ҷо мегиранд.

**БЮЛЛЕТЕ́Н (БЮЛЛЕТЕ́НЬ)**, [фр. bulletin]. **1**. Хабари расмӣ дар бораи ягон воқеаи муҳим, ки барои аҳли ҷомеа аҳамияти калон дорад. **2**. Номи баъзе нашрияҳои даврӣ ва ғайридаврӣ. **3**. Б.-и интихоботӣ – варақаи интихобот, ки дар он ному насаби номзад ё номзадҳо навишта шудааст. **4**. Варақаи беморӣ.

**БЮ́РГЕРҲО**, [ол. Burger]. Дар Олмон ва баъзе мамлакатҳои дигари Аврупои Ғарбӣ – шаҳриён, одамони шаҳрӣ.

**БЮРЕ́ТКА**, [< фр. burette]. Найчаи шишагии дараҷадор барои аниқ чен кардани миқдори моеъ; дар озмоишгоҳҳои химиявӣ, биологӣ ва дорусозӣ истифода мешавад. || Мқс. мензурка.

**БЮРО́**, [фр. bureau]. **1**. Мақоми *коллегиалӣ*; гурӯҳи одамон, ки барои роҳбарӣ дар ягон ташкилот ё муассиса интихоб ё таъйин карда мешаванд. **2**. Идора, муассиса ё шуъба (мас., бюрои маълумотдиҳӣ). **3**. Мизи хатнависии дорои ғалладон, ҷевонча ва ғ. || Мқс. секретер.

**БЮРОКРА́Т**, [< фр. bureau + kratos ҳокимият]. **1**. Шахсе, ки ба табақаи амалдорон ё маъмурон мансуб аст. **2**. *маҷ*. Расмиятпараст, кашолакор.

**БЮРОКРАТИ́ЗМ**, [фр. bureaucratisme]. **1**. Тарзи идораи ҷамъияти синфӣ, ки ҳокимият ба воситаи амалдорони аз халқ ҷудо ва манфиати синфҳои ҳукмронро ҳимоякунанда ба амал бароварда мешавад. **2**. *маҷ*. Расмиятпарастӣ, тӯрачигӣ, коғазбозии беҳуда.

**БЮРОКРА́ТИЯ**, [фр. bureaucratie]. **1**. Ниг. бюрократизм. **2**. Ҷамъи бюрократҳо. **3**. *маҷ*. Кашолакорӣ, дӯлобкорӣ, файсалдиҳӣ, коғазбозии бемаънӣ.

**БЮСТ**, [фр. buste]. **1**. Ҳайкали аз миён болои одам; нимпайкара. **2**. Синаи зан.

**БЮСТГА́ЛТЕР (БЮСТГА́ЛЬТЕР)**, [ол. Busthalter]. Синабанди занона. || Мқс. лифчик.

**БЯЗ (БЯЗЬ)**, [турк. bazz]. Суфи хом, хомсуф.

# В

**ВА-БАНК,** [фр. va banque]. Дар қартабозӣ баробари сарқимор (банк) пул гузоштан; таваккал кардан.

**ВАГА́НТ**, [< лот. vagary оворагардӣ]. Ҳофиз ва актёри оворагард дар Аврупои Ғарбии асримиёнагӣ. || Мқс. бард.

**ВАГИ́НА**, [лот. vagina]. *анат*. Маҳбал. || Мқс. вулва.

**ВАГИНАЛӢ́**, [< лот. vagina]. Мансуб ба маҳбал; маҳбалӣ; дар маҳбал ҷойгиршуда.

**ВАГИНИ́ЗМ**, [< лот. vagina]. *тиб*. Кашиши ғайриихтиёрии мушакҳои маҳбал ва қаъри кос, ки ба алоқаи ҷинсӣ монеъ мешавад.

**ВАГИНИ́Т**, [< лот. vagina]. *тиб*. Газаки маҳбал, ки бо таъсири бактерияҳои гуногун рӯй медиҳад. || Мқс. колпит.

**ВАГО́Н**, [англ. vaggon]. **1**. Воситаи нақлиёте, ки бо роҳи оҳан ҳаракат мекунад; В. худгард ё худногард, мусофиркаш ё боркаш мешавад. **2**. *маҷ*. Миқдори боре, ки дар як В.-и боркаш ҷой мегирад.

**ВАГОНЕ́ТКА**, [фр. vagonet]. Вагони болокушодаи камгунҷоиш (то 6 м$^2$), ки бо роҳи оҳани тангбар ҳаракат мекунад; дар корхонаҳои саноатӣ ва конҳо барои кашондани бор ё одамон истифода мешавад.

**ВАГРА́НКА**, [аз номи ноҳияи Ваграйни Австрия]. Як навъ кураи (*печи*) чӯянгудозӣ дар *шахта*.

**ВАД**, [англ. wad]. *маъд*. Минерал аз гурӯҳи псиломелан, ки аз он марганетс, кобалт ва никел ҳосил мекунанд; асболан низ гӯянд.

**ВАДЕМЕ□КУМ**, [лот. wade mecum бо ман биё]. Маълумотнома (роҳнамо)-и кисагӣ.

**ВА́ЕР**, [англ. wire сим]. Симтаноби пӯлодин барои кашидани тӯри моҳигирӣ (*трал*).

**ВАЗ..., ВАЗО...**, [< лот. vas раг]. *физиол*. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки бо рагҳои хунгард робита доштани калимаро ифода мекунад.

**ВА́ЗА**, [< лот. vas зарф]. Зарф барои мева, ширавор, гул ва ғ.; қанддон, гулдон.

**ВАЗЕЛИ́Н**, [фр. vaseline < vase лойқа laion равған]. Омехтаи равғани нафт ва карбогидридҳои сахт (*парафин, тсерезин* ва ғ.), ки дар техника ва тиб истифода мешавад.

**ВАЗОДИЛАТА́ТОРҲО**, [< лот. vas раг + dilatare васеъ кардан]. *анат.* Торҳои асабе, ки рагҳои хунгардро ба ҳаракат оварда, сӯрохии онҳоро васеъ мекунанд; баръакси *вазоконстрикторҳо*.

**ВАЗОДИЛА́ТСИЯ (ВАЗОДИЛА́ЦИЯ)**, [< лот. vas раг + dilatatio васеъшавӣ]. *физиол.* Васеъшавии рагҳои хунгард дар натиҷаи сустшавии мушакҳои ҳамвори онҳо.

**ВАЗОКОНСТРИ́КТОРҲО,** [< лот. vas раг + constrictio танг кардан]. *анат.* Торҳои асабе, ки рагҳои хунгардро ба ҳаракат оварда, сӯрохии онҳоро танг мекунанд. || Мқс. вазодилататорҳо.

**ВАЗОМОТО́РҲО**, [< лот. vas раг + motor ҳаракатдиҳанда, муҳаррик]. *анат.* Номи умумии *вазодилататорҳо* ва *вазоконстрикторҳо* – торҳои асаби рагҳаракатдиҳанда.

**ВАЗО́Н**, [фр. vason]. Тубаки гул.

**ВАЗОПРЕССИ́Н**, [англ. vasopressin]. *анат.* Нейрогормони (*пептиди*) ҳайвонот ва одам, ки дар *гипоталамус* ба вуҷуд меояд; ба *гипофиз* даромада, сӯрохии рагҳои хунгардро танг мекунад.

**ВА́ЙМАКС,** [англ. WiMAX < Worldwide Interoperability for Microwave Access]. *инф.* Технологияи телекоммуникатсионӣ, ки бо мақсади таъмини алоқаи бесим ба масофаи дур тавассути компютерҳо, телефонҳои мобилӣ ва ғ. таъйин шудааст; ба стандарти IEEE 802.16, ки онро Wireless MAN низ меноманд, асос ёфтааст.

**ВАЙ-ФАЙ**, [англ. Wi-Fi < wireless fidelity алоқаи бесим]. *инф.* Алоқаи бесим барои мубодилаи иттилоот дар байни асбобҳои электронӣ (компютерҳо, телефонҳо ва ғ.).

**ВА́ЙШИҲО,** [< санск. vaisya сокин, муқим]. Дар Ҳиндустони Қадим – *варнаи* (табақаи) сеюм аз чор варна, ки ба он савдогарон, деҳқонон, чорводорон ва косибон дохил мешуданд.

**ВА́ЙЯ**, [< юн. baion навдаи нахл]. *бот.* Барги фарн; ба навдаи нахл монанд аст ва номаш аз ҳамин ҷост.

**ВАКА́НСИЯ**, [фр. vacance < лот. vacans холӣ]. **1**. Вазифаи (ҷойи) холӣ дар корхона, ташкилот, муассиса. **2**. *физ.* Гиреҳи тӯри кристаллӣ, ки дар он *атом* ё *ион* вуҷуд надорад.

**ВАКА́Т**, [фр. vacant < лот. vacans холӣ]. Саҳифаи холии (тозаи) китоб, маҷалла.

**ВАКА́ТСИЯ (ВАКА́ЦИЯ)**, [лот. vacatio]. *кӯҳна.* Вақти фориғ аз кор ё дарс дар муассисаҳо, мактабҳо; таътил.

**ВАКУО́ЛАҲО**, [фр. vacuole < лот. vacuus холӣ]. *биол.* Ҷойҳои холии *ситоплазмаи* ҳуҷайраҳои ҳайвонот ва растаниҳо, ки бо шираи ҳуҷайра пур шудаанд; дар ҳазми хӯрок иштирок мекунанд;

**ВА́КУУМ**, [лот. vacuum холигӣ]. *физ.* **1**. Ҳолати газ дар зери фишори ниҳоят паст (пасттар аз фишори атмосферӣ); гази хеле тунукшуда дар даруни ягон асбоб ё зарфи сарбаста; дар чароғҳои (*лампаҳои*) электрикӣ, асбобҳои электронӣ, вакуум-аппаратҳо ва ғ. истифода мешавад. **2**. Дар назарияи *квантии* майдонҳои физикӣ – ҳолати ниҳоят пасти энергетикии майдон, ки дар он шумораи миёнаи *квантҳои* майдон ба сифр баробар аст. **3**. *маҷ.* Холигӣ; фазои холӣ.

**ВА́КУУМ-АППАРА́Т**, [< *вакуум* + *аппарат*]. *физ., тех.* **1**. Дастгоҳ барои тоза кардани маҳлулҳо бо бухор, хушк кардан бо фишори атмосферӣ; дар саноати химия, хӯрокворӣ ва дигар соҳаҳои саноат истифода мешавад. **2**. Асбоби худкор барои додани сӯзишворӣ ба *карбюратор*.

**ВАКУУММЕ́ТР**, [< *вакуум* + *…метр*]. *физ.* Асбоб барои чен кардани тунукии газ; манометри вакуумӣ низ гӯянд.

**ВАКУУМӢ́**, [< *вакуум*]. Дорои фишоре, ки аз фишори атмосферӣ паст аст; н а с о с и в а к у у м ӣ – *насос* барои фурӯ кашидани газ ё буғ аз зарфи сарбаста бо мақсади ҳосил намудани вакуум; п е ч и  в а к у у м ӣ – *печи индуксионӣ*, электронӣ-шуоӣ ё плазмагӣ барои тасфондан ё гудохтани металл дар вакуум; п о л о в а н и ( ф и л т р и ) в а к у у м ӣ – асбоб барои соф кардани маҳлулҳо бо фишори паст.

**ВА́КУУМ-ЭКСКОХЛ (ВА́КУУМ-ЭКСКОХЛЕА́ЦИЯ ЕА́ТСИЯ)**, [< *вакуум* + *экскохлеатсия*]. *тиб.* Амалиёти қатъ намудани ҳамли муҳлаташ то 12 ҳафта бо роҳи ҷаббида гирифтани ҷанин аз ҷавфи бачадон.

**ВА́КУУМ-ЭКСТРА́ТСИЯ (ВА́КУУМ-ЭКСТРА́ЦИЯ)**, [< *вакуум* + *экстратсия*]. *тиб.* Яке аз усулҳои ҷарроҳии акушерӣ; ҳангоми В.-э. кӯдакро ба воситаи асбоби махсус (вакуум-экстрактор) аз сараш дошта, берун меоранд; В.-э.-ро дар мавриди нафастанг шудани кӯдак, заиф будани нишонаҳои таваллуд, хавфнокии таваллуд ва ғ. истифода мебаранд.

**ВА́КУУМ-ЭКСТРА́КТОР,** [< *вакуум* + *экстрактор*]. Асбобе, ки ҳангоми вакуум-экстратсия – бо роҳи ҷарроҳии акушерӣ берун овардани кӯдак истифода бурда мешавад; В.-э. аз косачаҳои диаметрашон гуногуне иборат аст, ки бо вакуум-насоси барқӣ ё дастӣ пайваст шудаанд; ҳангоми кори асбоб байни косача ва сари кӯдак фишори манфӣ (вакуум) ба вуҷуд меояд ва косача сари тифлро сахт дошта, ҳангоми берун овардан аз паси худ мекашад.

**ВАКХ**, [юн. Bakchos]. Дар асотири Юнони Қадим – худои шароб, шаробкашӣ ва айшу тараб; ҳомии токпарварӣ ва шаробкашӣ.

**ВАКХАНА́ЛИЯ**, [< лот. bacchanalia]. **1**. Ид дар Юнони Қадим ва Рими Қадим ба шарафи Вакх – худои шароб ва айшу тараб. **2**. *маҷ.* Базми пурталотум ва фосиқона; бетартибии аз ҳад гузашта.

**ВАКСИ́НА (ВАКЦИ́НА)**, [< лот. vaccinus говӣ]. *тиб.* Моя; доруе, ки аз микроорганизмҳои кушта ё камқуввати бемориовар, инчунин аз токсинҳои (заҳрҳои) безарар тайёр шудааст; ҳангоми ба бадан гузарондани В. дар организм нисбат ба ин ё он бемории сироятӣ масуният (*иммунитет*) инкишоф меёбад; В. ба пӯст (зидди сил),

зери пӯст (домана ва ғ.), дохили мушак (сулфакабутак, хуноқ, кузоз), тавассути даҳон (*полиомиелит*), бинӣ (зуком) гузаронда мешавад.

**ВАКСИНА́ТСИЯ (ВАКЦИНА́ЦИЯ)**, [< лот. vaccinus говӣ]. *тиб.* Ваксинагузаронӣ; тазриқи *ваксинаҳо* барои пешгирии бемориҳои сироятӣ ва ба вуҷуд овардани масунияти фаъол.

**ВАКСИНОТЕРАПИ́Я (ВАКЦИНОТЕРАПИ́Я)**, [< *ваксина* + *терапия*]. *тиб.* Муолиҷаи бемориҳои сироятӣ ба воситаи ваксинаҳо; ваксинадармонӣ.

**ВАЛ**, [лот. vallus]. **1**. Истеҳкоми саҳроӣ; хоктеппаи баланде, ки дар пешаш хандақ сохта шудааст; барои гирифтани пеши ҳуҷуми душман хизмат мекунад. **2**. *тех.* Навард.

**ВА́ЛЕНКА**, **ВА́ЛЕНКИ**, [< рус. валять ғелондан, молидан]. Мӯзаи намадини зимистона.

**ВАЛЕНТНОКӢ**, [< лот. valentia қувва]. *хим.* Алоқаи атом (гурӯҳи атомӣ) бо атомҳои (гурӯҳҳои атомии) дигар.

**ВАЛЕОЛО́ГИЯ**, [< лот. valere тансиҳатӣ + logos илм]. *тиб.* Илм оид ба тандурустӣ ва роҳҳои устувор гардондани он, тарзи ҳаёти солим, пешгирии бемориҳо, таъсири муҳити зист ва шароити меҳнат ба саломатии инсон.

**ВАЛЕРИА́НА**, **ВАЛЕРЯ́НА**, [лот. valeriana]. Нардсунбул; растании бисёрсолае, ки аз шираи решаи он доруи оромкунандаи асаб (валерянка) тайёр мекунанд (зиёда аз 200 намуд).

**ВАЛЕ́Т**, [фр. valet хизматгор]. Номи яке аз суратҳои қартаи бозӣ, ки баъди даҳ ва пеш аз *дама* меистад; саллот.

**ВАЛИДА́ТОР,** [< *валидатсия*]. Шахсе, ки бо *валидатсия* машғул аст; мутахассиси валидатсия.

**ВАЛИДА́ТСИЯ (ВАЛИДА́ЦИЯ),** [англ. validation]. **1**. Пешниҳоди далелҳои холисона дар бораи он ки талаботи истифодабарандаи муайяни хизмат, молу маҳсулот пурра қонеъ гардонда шудаанд. **2**. Дар истеҳсолот – ба талаботи истеъмолкунанда мувофиқ гардондани маҳсулот. **3**. Тафтиш, санҷиш; ниг. *аттестатсия*. **4.** *инф.* Қабул, коркард, тафтиш ва интиқоли маълумот.

**ВАЛИДО́Л**, [< лот. validus бақувват, солим + oleum равған]. *тиб.* Доруе, ки барои васеъ кардани рагҳои хунгард ва фурӯ нишондани дарди дил (хусусан ҳангоми *стенокардия*) истифода мешавад.

**ВАЛИ́ЗА**, [фр. valise ҷомадон]. Халтаи почтагии сарбамуҳри чопари дипломатӣ, ки мақоми дахлнопазирӣ дорад.

**ВАЛИ́Н**, [англ. valine]. *хим., биол.* Аминокислотаи алифатие, ки дар таркиби қариб ҳамаи сафедаҳо вуҷуд дорад.

**ВАЛОРИЗА́ТСИЯ (ВАЛОРИЗА́ЦИЯ)**, [фр. valorisation]. Ба таври сунъӣ баланд бардоштани нархи мол, қурби асъор ё коғазҳои қиматнок.

**ВАЛТАСА́Р**, [аз номи Валтасар – писари подшоҳи Бобулистон (Вавилон)]. Базми Валтасар – базму тараб пеш аз фалокату нохӯшӣ; мувофиқи ривояти Библия, яке аз шабҳои соли 539 то милод дар вақти ҷанги Бобулистон бо Форс Валтасар зиёфату базми бошукӯҳе орост; ҳангоми базм дар девори қаср аломатҳои пурасроре пайдо шуданд, ки аз марги ӯ дарак медоданд; худи ҳамон шаб Валтасар аз дасти форсҳо кушта шуд.

**ВАЛТО́РНА**, [ол. Waldhorn сурнайи чӯпонӣ]. Асбоби мусиқии нафасии мисин, ки садои маҳину форам дорад. || Мқс. геликон, горн, кларнет, саксофон.

**ВАЛВА́ТСИЯ (ВАЛЬВА́ЦИЯ)**, [англ. valuation]. *мол.* Муайян намудани қурби асъори хориҷӣ бо воҳиди пули миллӣ.

**ВАЛВУЛОГРАФИ́Я (ВАЛЬВУЛОГРАФИ́Я)**, [< лот. valvulsa клапан + grapho навиштан, тасвир кардан]. *физиол.* Ба қайд гирифтани ҳолат ва ҳаракати даричаҳои (клапанҳои) дил бо ёрии ултрасадо.

**ВА́ЛДШНЕП (ВА́ЛЬДШНЕП)**, [ол. Waldschnepfe]. *зоол.* Лойхӯраки ҷангалӣ, ки дарозиаш то 35 см буда, дар ҷангалҳои Авросиё зиндагӣ мекунад.

**ВАЛПУ́РГӢ (ВАЛЬПУ́РГӢ)**, [ол. Walpurgia Валпургия]. **1**. Шаби валпургӣ – шаби арафаи иди динии Валпургияи муқаддас (шаби 1 май), ки мувофиқи ривоят, он шаб дар болои кӯҳи Брокен базми афсунгарону албастиҳо барпо мегаштааст. **2**. *маҷ.* Базми айёшона.

**ВАЛС (ВАЛЬС)**, [фр. valse < ол. Walzer]. *санъ.* **1**. Рақси мавзуни андозаи мусиқиаш ¾, ки одатан дар базмҳои ракс (*бал*) иҷро карда мешавад. **2**. Мусиқии ҳамин гуна рақс. || Мқс. бостон.

**ВА́ЛТЕР (ВА́ЛЬТЕР)**, [ол. Walter – аз номи ширкати аслиҳасозии олмонии «Валтер»]. Таппончаи ҳашттираи милаш (*калибраш*) 9 мм.

**ВАЛЮ́ТА**, [ит. valuta нарх, арзиш]. **1**. *мол.* Асъор, арз; низоми пулӣ, инчунин воҳиди пулии мамлакат, мас.: сомонӣ, рубл, доллар, евро, юан ва ғ. **2**. Пулҳои хориҷӣ, ки дар бозори байналхалқӣ мегузаранд (ба кор меоянд), инчунин металлҳо ва дигар чизҳои қиматбаҳо, ки дар вақти ҳисобу китоби байналхалқӣ истифода мешаванд.

**ВАМПИ́Р**, [фр. vampire, ол. Vampir]. **1**. Дар афсонаву ривоятҳои хурофотӣ – мурдае, ки гӯё шабҳо аз гӯр баромада, хуни одамони зиндаро мемакад; мурдаҳое В. мешуданд, ки дар вақти зинда буданашон ҷинояткорӣ ё худкушӣ кардаанд, ё онҳоро В. газидааст. **2**. *маҷ.* Одами золим, ситамгар ва хунхӯр. **3**. *зоол.* Кӯршапараки калон, ки дар минтақаҳои тропикӣ ва субтропикии Амрико зиндагӣ мекунад (дарозиаш то 9 см, 3 намуд); ғизояш хуни ширхӯрон ва паррандаҳои зинда.

**ВАН**, [хит. ҷаноб]. **1**. Дар Хитойи Қадим – ҳоким, подшоҳ. **2**. Унвони ашрофи дарбори император.

**ВАНА́ДИЙ**, [лот. Vanadium]. *хим.* Элементи химиявӣ, рамзаш V – металли сафеди нукратоби сахт; барои истеҳсоли навъҳои пурқимати пӯлод истифода мешавад.

**ВАНДАЛИ́ЗМ**, [< *вандалҳо*]. Ваҳшиёна хароб кардани осори таърихӣ ва фарҳангӣ.

**ВАНДАЛҲО**, [ол. Vandalen]. **1**. Қабилаҳои Олмони Қадим, ки бо Рим ҷангҳои шадиди бераҳмона кардаанд; В. соли 455 Римро ишғол намуда, ёдгориҳои таърихию фарҳангии онро хароб карда буданд. **2**. *маҷ.* Ҷоҳилон, ваҳшиён, харобкунандагони осори меъморӣ ва фарҳангӣ.

**ВАНДЕ́Я**, [фр. Vendee]. Вилояте дар қисми шимолу ғарбии Фаронса, маркази исёни аксулинқилобиён (*роялистҳо*) дар замони инқилоби буржуазии Фаронса (охири асри 18).

**ВАНИЛИ́Н**, [< *ванил*]. Моддаи хушбӯйе, ки аз меваи ванил ё ба таври сунъӣ тайёр мекунанд; дар саноати қаннодӣ ва атторӣ истифода мешавад.

**ВАНИ́Л (ВАНИ́ЛЬ)**, [фр. vanille]. *бот.* Растании тропикие аз оилаи саҳлабҳо (зиёда аз 100 намуд) ва меваи ҳамин растанӣ, ки дар пухтупаз, қаннодӣ ва атторӣ ба кор меравад.

**ВА́ННА**, [фр. vane < лот. vannus коса]. **1**. Ташт; тағораи калон барои оббозӣ. **2**. *тиб.* Муолиҷа бо роҳи хобидан дар об, лой ё дар зери нурҳои офтоб. **3**. *тех.* Зарфҳои гуногунҳаҷм барои ҳар гуна моеот.

**ВАНТУ́З**, [< лот. ventosus бодӣ]. **1**. *тех.* Асбобе (*клапане*), ки аз қубурҳои об ё гармидиҳӣ ҳавои нодаркорро кашида мебарорад. **2**. (*бо зада дар ҳиҷои аввал*) Резини нимкураи ба нӯги даста васлшуда, ки бо он роҳҳои обрави ванна ё дастшӯякро аз ҳар гуна ифлосиҳо тоза мекунанд (бо роҳи пахш кардани резин ва тела додани ҳаво).

**ВА́ПИТИ**, [англ. wapiti гавазни сафед]. *зоол.* Ҳайвони ширхӯр аз оилаи гавазнҳо, ки дар Амрикои Шимолӣ зиндагӣ мекунад.

**ВА́ПОР**, [< лот. vapor бухор]. Як навъ равғани молиданӣ барои *силиндрҳои* мошинҳои буғӣ.

**ВАР**, [англ. var]. *физ.* Воҳиди иқтидори реактивии ҷараёни тағйирёбанда (аломаташ – вар); 1 вар = $\sin\varphi \cdot 1$ Вт.

**ВА́РА**, [исп. vara]. Дар Амрикои Лотинӣ – воҳиди дарозӣ, ки бузургии он дар ҳар мамлакат ҳар хел аст (аз 80 то 113 см). || Мқс. метр.

**ВАРА́КТОР**, [< англ. variable]. *физ. Диоди* нимноқилие, ки бештар дар басомадфизоҳо истифода мешавад.

**ВАРА́Н**, [< лот. varanus]. *зоол.* Сусмори калони ҷанубӣ, ки дар минтақаҳои гарм зиндагӣ мекунад; дарозиаш то 3 м (30 намуд); ғизояш калтакалос, мор ва ширхӯрони майда.

**ВА́РВАР**, [юн. barbaros ғайри юнонӣ, бегона]. Ниг. *барбар*.

**ВАРВАРИ́ЗМ**, [фр. barbarisme < юн. barbaros ғайри юнонӣ, бегона]. *збш.* Калима ё иборае, ки аз як забон ба забони дигар дохил шудаасту вале хилофи қоидаҳои он забон буда, фасоҳати нутқро халалдор месозад.

**ВА́РИА**, [лот. varia]. Гуногун, ҳархела.

**ВАРИАБЕЛӢ**, [< англ. variable]. Тағйирёбанда, ноустувор.

**ВАРИА́НТ**, [англ. varians (variantis) тағйирёбанда]. Хел, намуд; намунаи дигари ягон чиз; яке аз чанд таҳрири ягон асар, ҳуҷҷат, лоиҳа, нақша ва ғ.

**ВАРИАНТНОКӢ**, [< *вариант*]. Шумораи дараҷаҳои озодии системаи термодинамикӣ, яъне шумораи параметрҳои мустақил (фишор, ҳарорат ва ғ.), ки ҳолати системаро пурра муайян мекунанд.

**ВАРИА́ТСИЯ (ВАРИА́ЦИЯ)**, [лот. variatio тағйирот]. **1**. Тағйирёбии унсурҳо ё ҷузъҳои дуюмдараҷаи ягон чиз ва бетағйир мондани унсури (ҷузъи) асосӣ, мас., дар ҳайвоноту растаниҳо – тағйирёбӣ, андаке дуршавӣ аз типи асосӣ. **2**. *санъ.* Дар мусиқӣ – такроршавии мавзуи асосӣ дар шаклҳои гуногун. **3**. *санъ.* Дар балет – рақси кӯтоҳ, вале аз ҷиҳати техникӣ басо мураккаб, одатан як ҷузъи па-де-де, па-де-труа ва ғ. **4**. *мат.* Яке аз мафҳумҳои асосии ҳисоби вариатсионӣ – тағйироти ҷузъии аргумент ё функсия (функсионал).

**ВАРИЕТЕ́Т**, [< лот. varietas гуногунӣ]. *зоол.* Маҷмуи фардҳои як намуд, ки бо як ё якчанд аломат аз фардҳои дигари худи ҳамон намуд фарқ мекунанд.

**ВАРИКА́П**, [англ. varicap < лот. vari (able) тағйирёбанда + cap зарф]. *тех.* *Диоди* нимноқилие, ки гунҷоиши он ҳангоми кам ё зиёд шудани шиддат тағйир меёбад.

**ВАРИКОЗӢ**, [< лот. varix васеъшавии раги варид (вена)]. *тиб.* В а с е ъ ш а в и и в а р и к о з и и р а г ҳ о и в а р и д ( в е н а ) – васеъшавӣ, дарозшавӣ, каҷу килебшавӣ, гиреҳшавии рагҳои варид (бештар рагҳои вариди пой); аз сабаби заифии модарзоди деворҳои варид, гум шудани чандирии варид ва нуқсонҳои *клапани* он пайдо мешавад.

**ВАРИКОСЕ́ЛЕ**, [лот. varicocele)]. *тиб.* Васеъ шудани танобакҳои манидон; В. дар натиҷаи баланд шудани фишори рагҳои вариди (венаи) гурда, мас., ҳангоми танг шудани онҳо пайдо мешавад; дар 95 фоизи ҳолатҳо дар тарафи чап мушоҳида мешавад, зеро шароити ҳаракати хун дар ин қисми хоя нисбатан бад аст; ба пайдоиши В. ҳаяҷони ҷинсии бардавом, бардоштани бори вазнин ва диг. омилҳо мусоидат мекунанд.

**ВАРИОЛО́ИД**, [< лот. variola нағзак + юн. eidos намуд]. *тиб.* Шакли сабуки бемории нағзак (гул); гули сабук.

**ВАРИО́МЕТР**, [< лот. varius гуногун + юн. metreo чен мекунам]. *тех.* **1**. Асбоб барои оҳиста тағйир додани индуктивият; вариосанҷ. **2**. Асбоб барои муайян кардани дараҷаи тағйирёбии бузургии геофизикӣ, мас., тағйирёбии қувваи магнитии замин; ҳангоми ҷустуҷӯйи канданиҳои фоиданок истифода мешавад. **3**. Асбоб барои муайян

кардани суръати тағйирёбии баландии парвози ҳавопаймо ва диг. олоти парвозкунанда.

**ВАРИ́СТОР**, [< англ. vari (able) тағйирёбанда + (resi)stor муқовимат (*резистор*)]. *тех*. *Резистори* нимноқилие, ки муқовимати он бо тағйир ёфтани шиддат тағйир меёбад; дар басомадфизоҳо, *модуляторҳо*, шароранишонҳо ва ғ. истифода мешавад.

**ВАРЙЕТЕ́ (ВАРЬЕТЕ́)**, [фр. variete гуногунӣ]. *санъ*. Як намуди театр, ки барномаи он аз жанрҳои сабук – эстрадӣ, мазҳакавӣ, сиркӣ, мусиқӣ иборат аст.

**ВАРМЕ́ТР**, [*вар* + *…метр*]. *тех*. Асбоб барои чен кардани тавоноии электрикии реактивӣ бо варҳо (1 вар = sin $\varphi \cdot 1$ Вт.). || Мқс. вар.

**ВА́РНА**, [санск.]. Дар Ҳиндустони Қадим – ҳар кадоме аз чаҳор табақаи ҷамъиятӣ: бараҳманҳо, вайшияҳо, кшатрияҳо ва шудраҳо.

**ВАРРА́НТ**, [англ. warrant ваколатнома, бовархат]. **1**. Хати қабола; гувоҳномаи анбори мол дар борои қабули мол барои нигоҳдорӣ; ба соҳиби он ҳуқуқ медиҳад, ки моли дар В. нишондодашударо ба гарав гузошта, қарз гирад. **2**. Ваколатнома барои додугирифт, харидуфурӯш ё иҷрои амалҳои дигар аз номи шахси сеюм.

**ВАРФОЛОМЕ́Й**, [< ором. «Бар-Фолмай» писари Толмай]. **1**. Номи яке аз 12 ҳаввориӣ (*апостол*) дар дини насронӣ; ду маротиба чормех (таслиб) карда буданд, бори якум наҷот дода шуд, бори дуюм бошад, В.-и ҳанӯз зиндаро пӯст канданд. **2**. Ш а б и В а р ф о л о м е й – шаби 24 августи с. 1572, яъне шаби иди «Варфоломейи муқаддас» дар Париж бо фармони шоҳи Фаронса Карли IX ва рӯҳониёни католикӣ гугенотҳо қатли ом карда шуданд (дар давоми се рӯз 30 ҳазор кас кушта шуд). **3**. *маҷ*. Ш а б и В а р ф о л о м е й – қатли оми муташаккилона; ба таври оммавӣ қир карда шудани ягон гурӯҳи одамон бо сабабҳои сиёсӣ, динӣ, нажодӣ ва ғ.

**ВАРЯ́ГҲО**, [рус.]. *Викингҳо*; роҳзанони баҳрии скандинавие, ки дар асри IX қисми шимолу шарқии Англия ва дар асри X – Фаронсаи Шимолиро (Нормандияро) ишғол карда, то Амрикои Шимолӣ расида буданд.

**ВАСИЛИ́СК**, [лот. vasiliscus < юн. basiliskos аждаҳо]. **1**. Дар асотири аврупоиён махлуқи даҳшатбори хурӯссар, ғукбадан ва мордум, ки дар сар тоҷи шоҳӣ дошт; ҳам бо захр, ҳам бо нигоҳ ва ҳам бо нафаси худ душманонашро мекушт, вале худ бо дидани акси хеш дар оина ҳалок мешуд. **2**. *зоол*. Калтакалос аз оилаи игуанҳо, ки дар минтақаҳои тропикии Амрико зиндагӣ мекунад (4 намуд); дарозиаш то 0,8 м.

**ВАСКО́НҲО**, [лот. Vascones]. Қабилаи кӯҳистоние дар қисми шимолу шарқии Испания, аҷдоди баскҳои имрӯза.

**ВАСКУЛИ́Т**, [< лот. vasculum рагча, раги хурд]. *тиб*. Варами девори рагҳои хурди хунгард; дар натиҷаи тарбод, фосидшавии хун (*сепсис*), домана ва диг. бемориҳои гузаранда ва аллергӣ пайдо мешавад.

**ВАССА́Л**, [лот. vassalus < vassus хизматгор]. **1**. Дар Аврупои Ғарбии асрҳои миёна: феодале, ки аз феодали калонтари дигар – сенйор мулк (*феод, лен*) мегирифт, дар натиҷа мутеи ӯ мегардид ва маҷбур буд иҷрои як қатор маҷбурияту ухдадориҳо, аз

ҷумла уҳдадории ҳарбиро ба дӯш гирад. **2**. *маҷ*. Шахс, ташкилот ё давлати номустақил, мутеъ.

**ВА́ТА**, [ол. Watte]. Массаи наххҳои тити аз ҳар гуна омехтаҳо тозакардашуда; В.-и табииро аз пахта, асбест, пар, абрешим, пашм ва ғ., В.-и сунъиро бошад, аз шиша, дажғол ва ғ. истеҳсол мекунанд; дар тиб, инчунин барои нигоҳ доштани гармӣ дар либос, мебел, девор, сақфу фарши хонаҳо истифода мешавад; В.-и кӯҳнаро ҷағбутӣ гӯянд.

**ВАТЕРКЛОЗЕ́Т**, [англ. watercloset]. *кӯҳна*. Ҳоҷатхонае, ки дар он нишастгоҳи халоҷо (*унитаз*) ба таври механикӣ бо об шуста мешавад.

**ВА́ТЕРПАС**, [англ. water pas]. Обтарозу; дар сохтмон ва баъзе соҳаҳои дигар истифода мешавад.

**ВАТЕРПО́ЛО**, [англ. water polo]. Тӯббозии ду даста дар об, ки ҳар яке кӯшиш мекунад тӯбро ба дарвозаи ҳариф партояд.

**ВАТИКА́Н**, [Vaticano < лот. Vaticanus]. **1**. Теппае дар Рими Қадим, ки дар соҳили рости дарёи Тибр воқеъ шудааст. **2**. Маркази калисои католикӣ, қароргоҳи раҳбари он – папаи Рим; давлати хурди (масоҳ. 44 гектар) теократӣ дар ҳудуди Рим. **3**. *маҷ*. Доираи ҳукмрони калисои католикӣ.

**ВАТИ́Н**, [< *вата*]. Матои патноке, ки барои дӯхтани либосу пойафзоли гарм ба кор меравад; ғафсиаш 3 – 12 мм.

**ВА́ТМАН**, [англ. whatman – аз номи соҳибкори англис, хӯҷаини корхонаи коғазбарорӣ Ҷ. Уотмен (Whatman)]. Коғази баландсифати бадошт, вале сатҳаш вақти ламс кардан андаке дурушт барои нақшакашӣ ва сураткашӣ бо сиёҳӣ (*туш*).

**ВАТРУ́ШКА**, [рус.]. Кулчаи ба рӯяш фалла, мураббо молидашуда.

**ВАТТ**, [англ. whatt – аз номи физик ва ихтироъкори англис Ҷеймс Уатт (Whatt)]. *физ*. Воҳиди тавоноии ҷараёни электр дар Системаи байналхалқии воҳидҳо (СИ); бо Вт, W ифода карда мешавад; 1 Вт = $10^7$ эрг/с = 0,102 кгс·м/с = $1{,}36 \cdot 10^{-3}$ қ.а.; аксар вақт воҳидҳои каратии Вт – киловатт (1 кВт = $10^3$ Вт) ва мегаватт (1 мВт = $10^6$ Вт) истифода мешаванд.

**ВАТТМЕ́ТР**, [*ватт* + *…метр*]. *физ*. Ваттсанҷ; асбоб барои чен кардани тавоноии электрии ҷараёни доимӣ ё тағйирёбанда. || Мқс. ампервольтомметр, амперметр, волтметр, омметр.

**ВАУ!** [англ. wo]. Нидои хушнудӣ, ваҷд ва ҳайрат дар байни ҷавонони муосир.

**ВА́УЧЕР**, [англ. voucher]. **1**. Ҳуҷҷате, ки пардохти молу хизматҳо, додани қарз ё гирифтани пулро тасдиқ мекунад; забонхат. **2**. *Чеки* хусусигардонӣ; коғази қиматноки давлатӣ (ба пешниҳодкунанда), ки дорои арзиши *номиналӣ* буда, ҳангоми хусусигардонии («ваучеризатсия»-и) корхонаҳои давлатӣ истифода мешавад; хусусигардонии «ваучерӣ» дар мамлакатҳои ИДМ дар охири асри XX барор накард ва умедҳои аҳолиро бар бод дод. **3**. Ҳуҷҷате, ки ҳангоми мусофират дар баъзе

мамлакатҳо ба ҷойи раводид истифода мешавад; ба нархи В. одатан арзиши ҷойи хоб дар меҳмонхона дохил мешавад.

**ВА́ФЛЯ**, [ол. Waffel]. *Печении* хушки тунуки рӯяш катакчадор, ки дар байни қабатҳояш ширинихои гуногун ё яхмос дорад.

**ВА́ХМИСТР**, [ол. Wachtmeister]. *таър*. Рутба ва мансаби поёнии афсарӣ (унтер-афсар) дар қисмҳои савораи артиши подшоҳии Россия ва баъзе мамлакатҳои дигар.

**ВА́ХТА**, [ол. Wacht посбон]. **1**. Намуди махсуси навбатдорӣ дар киштӣ, *стансияи* қутбӣ ва ғ. **2**. Ҳар як қисми алоҳидаи *командаи* киштӣ ё *коллективи* корхона, ки бо навбат кор карда, фаъолияти киштӣ ё корхонаро таъмин менамояд. **3**. Гурӯҳи коргарон ё мутахассисон, ки бо навбат ба муддати нисбатан кӯтоҳ (як ҳафта, даҳ рӯз, як моҳ ва ғ.) одатан ба ҷойҳои дур аз маҳалли зисташон ба кор меравaнд. **4**. Дар даврaи шӯравӣ: в а х т а и   м е ҳ н а т ӣ – яке аз шаклҳои мусобиқаи сотсиалистӣ, ки коллективи корхона, колхоз, совхоз ё коргари алоҳида ба муносибати ягон ҷашн ё воқеаи муҳими сиёсӣ ӯҳдадории нави мушаххас мегирифт. **5**. *бот*. Як навъ растании бисёрсолаи шифобахш; иштиҳоовар ва пешоброн аст.

**ВАХТЁ́Р**, [ол. Wachter]. Посбони навбатдор дар корхона, муассиса.

**ВАЧ**, [ҳинд. қад. Сухан, Нутқ]. Олиҳаи сухан дар дини ҳиндуия.

**ВА́ШГЕРД**, [ол. Wascherd < waschen шустан + Herd кӯра]. Дастгоҳи одитарини заршӯӣ.

**ВАЮ**, [ҳинд. қад. Бод, Шамол]. Худои бод дар дини ҳиндуия.

**ВД**, [англ. WD < Word and Deed Сухан ва Кор]. *инф*. Муҳаррири машҳури матн, яъне маҷмуи барномаҳои компютерӣ барои таҳия, таҳрир ва тасҳеҳи матнҳо, ҷадвалҳо ва расмҳо.

**ВЕБ**..., [англ. web тори анкабут]. *инф*. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки бо Интернет робита доштанро ифода мекунад, мас., веб-ҳуҷҷат, веб-суроға ва ғ.

**ВЕБ-АРТ**, [< *(Интер)нет* + art санъат]. Ниг. *Интернет-арт*.

**ВЕБДИЗА́ЙН**, **ВЕБ-ДИЗА́ЙН** [< *веб*... + *дизайн*]. *инф*. Таҳияи *веб-сайт* ва ороиши бадеии он.

**ВЕ́БЕР**, [ол. Weber – аз номи физики олмонӣ В. Вебер (1804-1891]. *физ*. Воҳиди сели магнитӣ дар Системаи воҳидҳои байналхалқӣ (СИ); бо Вб ифода карда мешавад; 1 Вб = 1 Тл·м$^2$ = $10^8$ максвелл.

**ВЕБЕРМЕ́ТР**, [< *вебер* + ...*метр*]. *физ*. Асбоб барои муайян кардани тағйироти сели магнитӣ; *флюксметр* низ гӯянд.

**ВЕБИНА́Р**, [англ. webinar]. Лексия, муаррифӣ, *семинар* ё чорабинии диг., ки дар шакли *видеоконференсия* гузаронда мешавад. ‖ Мқс. семинар.

**ВЕБКЛИЕ́НТ**, **ВЕБ-КЛИЕ́НТ** [< *веб…* + англ. client мизоҷ, муштарӣ]. Истифодабарандаи Интернет.

**ВЕБМА́СТЕР**, **ВЕБ-МА́СТЕР** [< *веб…* + англ. master хӯҷаин]. Таҳиягари (*дизайнери*) саҳифаи интернетӣ.

**ВЕБСА́ЙТ**, **ВЕБ-САЙТ**, [< *веб…* + англ. site ҷой]. *инф*. Ҷой дар шабакаи *Интернет*, ки соҳибони *вебсервер* ба истифодабарандагони ин шабака барои ҷойгир намудани веб-саҳифаҳои худ медиҳанд; тамоми иттилооти Интернет дар вебсайтҳо ҷойгир шудааст.

**ВЕБСЕ́РВЕР**, **ВЕБ-СЕ́РВЕР,** [< *веб…* + *сервер*]. *инф.* Компютери шабакавӣ, ки мубодилаи иттилоотро дар Интернет мувофиқи яке аз *интернет-протоколҳо* таъмин менамояд.

**ВЕБ-СЁРФИНГ**, [< *веб…* + англ. surfing сарсарӣ дидан]. *инф.* Аз назар гузарондани (кофтани) шабакаҳои компютерӣ барои пайдо кардани иттилооти зарурӣ.

**ВЕГЕТАРИАНӢ**, [< лот. vegetarius растанигӣ]. Ғизои вегетарианӣ – ғизои бегӯште, ки аз растаниҳо, меваю сабзавот ё шир тайёр карда мешавад.

**ВЕГЕТАТИВӢ**, [< лот. vegetativus]. Наботӣ, мансуб ба растанӣ; системаи вегетативии асаб – қисми системаи асаб, ки фаъолияти узвҳои дарунӣ ва мубодилаи моддаҳои организмро танзим менамояд; узвҳои вегетативии растанӣ – узвҳое, ки ғизогирӣ ва сабзиши растаниро таъмин менамоянд, мас., реша, тана, барг.

**ВЕГЕТАТСИОНӢ (ВЕГЕТАЦИОНӢ)**, [< *вегетатсия*]. *бот.* Нумӯӣ; мансуб ба *вегетатсия*; давраи вегетатсионӣ – давраи сабзиш ва афзоиши растаниҳо.

**ВЕГЕТА́ЦИЯ (ВЕГЕТА́ТСИЯ)**, [< лот. vegetatio бедоршавӣ, зиндашавӣ]. *бот.* Нумӯ; сабзиш ва инкишофи растаниҳо.

**ВЕДА́НГА**, [< санск. «қисме аз ведаҳо»]. Пораҳо аз китоби ҳиндуёни қадим – «Ведаҳо», ки ба ситорашиносӣ, сарфу наҳв, шеършиносӣ, овошиносӣ ва этимология бахшида шудааст.

**ВЕДА́НТА**, [санск. «охири ведаҳо»]. Таълимоти динию фалсафӣ дар Ҳиндустон, ки рӯҳи инсонро бо Худо, бо рӯҳи қудсӣ як мешуморад.

**ВЕ́ДАҲО**, [< санск. veda дониш]. Ёдгориҳои адабиёти Ҳинди бостонӣ, ки дар шакли назм ва наср навишта шудаанд; аз чор маҷмуаи гимнҳои динӣ, муноҷот, сурудҳо, афсонаҳо, дуоҳои маросимӣ, устураҳо, инчунин шеърҳои соф ҳаётӣ иборатанд.

**ВЕДИ́ЗМ**, [< санск. veda дониш]. Қадимтарин дини Ҳидустон, ки баъдтар ба *бараҳмания* гузаштааст.

**ВЕ́ДОМОСТ (ВЕ́ДОМОСТЬ)**, [рус.]. **1**. Маҷмуи маълумот доир ба ягон чиз. **2**. Ҳуҷҷати маошдиҳӣ.

**ВЕЗДЕХО́Д**, [рус. < везде ҳама ҷо + ходить гаштан]. Автомобили ҳарҷогард; автомобиле, ки дар ҳама гуна шароити иқлим ва дар ҳар гуна роҳҳои ноҳамвор гашта метавонад.

**ВЕЗИ́КУЛАҲО**, [лот. vesicula ҳубобча]. *тиб*. Доначаҳои обилашакли пӯсти одам ва ҳайвон – ҳубобчаҳои нимкураи дорои фасоди шаффоф ё тирарангг.

**ВЕ́ЙКБО́РД,** [англ. wakeboard < wake килватер (изе, ки аз паси киштии шинокунанда дар рӯи об мемонад) + board тахта]. *варз*. Чанасаворӣ дар рӯи об (вазифаи чанаро тахтаи махсус иҷро мекунад); варзишгар аз танобе, ки ба завраҷи муҳаррикдор ё чархбол баста шудааст, дошта, ҳангоми лағжиш дар рӯи об машқҳои гуногунро аз қабили ҷаҳиш, *салто*, чархзанӣ ва ғ.иҷро менамояд. ‖ Мқс. <u>сноуборд</u>, <u>скейтборд</u>, <u>сёрфинг.</u>

**ВЕ́ЙКБО́РДИНГ,** [< *вейкборд*]. Ниг. *вейкборд*.

**ВЕЙСМАНИ́ЗМ**, [ол. Weismanismus – аз номи биологи олмонӣ А. Вейсман (1834-1914)]. Назарияи ирсият ва эволютсияи табиати зинда, ки ба фарзия дар бораи аз якдигар ҷудо (*дискретӣ*) будани ноқилони ахбори ирсӣ ва алоқаи онҳо бо *хромосомаҳо* асос ёфтааст.

**ВЕ́КСЕЛ (ВЕ́КСЕЛЬ)**, [ол. Wechsel иваз, мубодила]. Ҳуҷҷати қарз; ӯҳдадории хаттие, ки шахси қарзгиранда ба шахси қарздиҳанда медиҳад ва аз рӯйи он ӯҳдадор мешавад, ки маблағи дар В. нишондодашудаи қарзро дар муҳлати муайян ба қарздиҳанда баргардонад.

**ВЕКСЕЛӢ**, [< *вексел*]. Мансуб ба вексел; и н т и з о м и  в е к с е л ӣ – маҷмуи қоидаҳои иҷрои уҳдадориҳои векселӣ; р е к в и з и т и  в е к с е л ӣ – маҷмуи маълумоти ҳатмие, ки ҳангоми тартиб додани вексел ба он дохил карда мешаванд.

**ВЕ́КТОР**, [лот. vector ҳомил, баранда]. *мат*. **1**. Порчаи хати рост, ки ба самти муайян меравад ва нуқтаи аввалу охир дорад; бузургие, ки на танҳо бо қимати миқдорӣ, балки бо самт ҳам ифода меёбад. ‖ Мқс. годограф. **2**. *маҷ*. Самти асосии инкишофи ягон ҳодиса, раванд, соҳа, фаъолият ва ғ.

**ВЕ́КТОР-ФУ́НКСИЯ (ВЕ́КТОР-ФУ́НКЦИЯ)**, [*вектор* + *функсия*]. *мат*. Функсияи векторӣ; функсияе, ки қимати он векторҳо мебошанд.

**ВЕЛБО́Т (ВЕЛЬБО́Т)**, [англ. whale boat киштии шикори наҳанг]. Завраҷи дарози тезгард, ки бо белҳо ё бодбон ба ҳаракат меояд; барои шикори наҳанг, наҷот додани одамон, боркашӣ истифода мешавад.

**ВЕЛВЕ́Т (ВЕЛЬВЕ́Т)**, **ВЕЛВЕТИ́Н (ВЕЛЬВЕТИ́Н)**, [англ. velvet махмал (бахмал)]. Матои пахтагии патнок, ки раххои борик дорад; пилтабахмал.

**ВЕЛЕ́Н (ВЕЛЕ́НЬ)**, [фр. velin < veau гӯсола]. Коғази ҷилодори ба *пергамент* монанд, ки аз пӯсти гӯсола тайёр карда мешавад.

**ВЕЛЗЕВУЛ (ВЕЛЬЗЕВУЛ)**, [лот. Beelzebul]. Азозил, иблиси бадкирдор дар дини насронӣ.

**ВЕ́ЛНЕС ҲОТЕ́Л (ВЕ́ЛНЕС-ОТЕ́ЛЬ)**, [англ. wellness hotel < wellness тандурустӣ + hotel меҳмонхона]. Меҳмонхонае, ки дар он бошандагон ҳам зиндагӣ ва истироҳат мекунанд ва ҳам аз ғизоҳои парҳезӣ ва хизматҳои тиббӣ (мас., муоличаи косметикӣ, сӯзандармонӣ, масҳ ва диг. чораҳои солимгардонӣ) истифода мебаранд.

**ВЕ́ЛНЕС СЕНТР (ВЕ́ЛНЕС-ЦЕНТР)**, [англ. wellness centre < wellness тандурустӣ + centre марказ]. Маркази ҳусн ва тандурустӣ.

**ВЕ́ЛО**..., [< лот. velox тез, босуръат]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки робита бо велосипедро ифода мекунад.

**ВЕЛОДРО́М**, [вело... + dromos ҷои пойга, пойгагох]. Майдони махсус ҷиҳозонидашуда барои мусобиқаҳои велосипедронӣ ва озмоиши велосипедҳо.

**ВЕЛОМОБИ́Л (ВЕЛОМОБИ́ЛЬ)**, [*вело... + автомобил*]. Нақлиёти се ё чорчарха, ки бо қувваи бозувони одам ҳаракат мекунад; дар мамлакатҳои Осиёи Ҷанубӣ-Шарқӣ чун таксӣ истифода мешавад.

**ВЕЛОСИМЕ́ТР**, [*вело... + метр*]. *тех.* Асбоб барои чен кардани суръати ларзиши ҷисмҳои сахт дар *диапазони* басомадҳои ултрасадоӣ; барои таҳқиқи навасони (*вибратсияи*) мошину таҷҳизот истифода мешавад.

**ВЕЛОСИПЕ́Д**, [фр. velocipede < лот. velox (velocis) тез, босуръат + pes (pedis) пой]. Мошини ду ё сечархае, ки тавассути бо пойҳо чарх занондани *педалҳо* ба ҳаракат меояд; В.-ҳое низ ҳастанд, ки бо қувваи даст (барои маъюбон) ва бо муҳаррик (мопед) ҳаракат мекунанд.

**ВЕЛОСПО́РТ**, [*вело... + спорт*]. *варз.* Варзиши велосипедронӣ; пойгаи велосипедронҳо дар *велодром, трек*, роҳҳои ноҳамвор ва ғ.

**ВЕЛОЭРГО́МЕТР**, [< *велосипед* + юн. ergon кор + юн. metreo чен кардан]. Асбоби велосипедмонанд, ки ҳангоми бо пойҳо тоб додани педалҳои он суръати кори дил тағйир меёбад; барои омӯхтани фаъолияти дилу рагҳои хунгард истифода мешавад.

**ВЕЛЮ́Р**, [фр. velours махмал (бахмал)]. **1**. Як навъ матои ғафси мулоимпати махмалмонанд, ки барои дӯхтани либос ва каллапӯш истифода мешавад. **2**. Чарми нарми махмалмонанд. || Мқс. замша.

**ВЕЛЯРИЗА́ТСИЯ (ВЕЛЯРИЗА́ЦИЯ)**, [< лот. velaris комӣ < velum коми нарм]. *збш.* Талаффузи овози ҳамсадо ҳангоми бардоштани қисми ақиби пушти забон ба коми ақиб (коми нарм).

**ВЕЛЯРӢ**, [< лот. velaris комӣ < velum коми нарм]. *збш.* Пуштикомӣ; ҳамсадои велярӣ – овози ҳамсадое, ки ҳангоми бардоштани қисми ақиби пушти забон ба коми ақиб (коми нарм) талаффуз карда мешавад, мас., «г», «д», «к», «х».

**ВЕ́НА**, [лот. vena]. *анат.* Варид; раге, ки хунро аз бофтаю узвҳои бадан ба сӯйи дил мебарад. || Мқс. аорта, артерия.

**ВЕНДИНГ,** [лот. vending]. *тиҷ.* Фурӯши мол ва расондани хизматҳо ба воситаи системаҳои автоматиконидашуда (автоматҳои молфурӯшӣ).

**ВЕНЕПУ́НКСИЯ (ВЕНЕПУ́НКЦИЯ)**, **ВЕНОПУ́НКСИЯ (ВЕНОПУ́НКЦИЯ),** [лот. vena вена + punctio халондан]. *тиб.* Аз болои пӯст ба варид (вена) халондани сӯзан бо мақсади хунгирӣ, хундиҳӣ ё тазриқи доруҳо; В., одатан, дар вариди хами оринҷ, банди даст, гоҳо буҷулак ба ҷо оварда мешавад. || Мқс. венесексия.

**ВЕНЕ́РА**, [лот. Venus (Veneris)]. **1**. Дар асотири Рими Қадим – олиҳаи ишқ ва зебоӣ. **2**. *астр.* Зӯҳра, Ноҳид; сайёраи ба Замин наздиктарини системаи офтобӣ; бо номҳои «ситораи саҳарӣ, «ситораи субҳ» низ машҳур аст.

**ВЕНЕРӢ**, [< лот. Venus (Veneris)]. *тиб.* Б е м о р и ҳ о и  В . – бемориҳои зӯҳравӣ; бемориҳои ҷимоӣ; бемориҳои сироятие, ки асосан бо роҳи алоқаи ҷинсӣ мегузаранд: сӯзок, сифилис, оташак, *трихомоноз*, гепатитҳои вирусӣ, ВНМО/БПНМ (ВИЧ/СПИД), *лимфогранулемаи* қадкашак ва ғ.; сироят ба воситаи бӯса, дастфишорӣ, истифодаи зарф ё ашёи дигари умумӣ хеле кам дучор мешавад.

**ВЕНЕРОЛО́ГИЯ**, [< *венерӣ* + … *логия*]. *тиб.* Яке аз қисмҳои илми тиб, ки сабабҳои пайдоиш, роҳҳои паҳншавӣ ва ҷараёни клиникии бемориҳои зӯҳравиро таҳқиқ ва усулҳои ташхис, пешгирӣ ва табобати онҳоро муайян мекунад.

**ВЕНЕСЕ́КСИЯ (ВЕНЕСЕ́КЦИЯ)**, **ВЕНОСЕ́КСИЯ (ВЕНОСЕ́КЦИЯ)** [< лот. vena (venae) + section буридан]. *тиб.* Чок кардани вена (варид) барои хунгузаронӣ, хунгирӣ, доругузаронӣ ва ғ. дар мавриди имконнопазир будани венепунксия (мас., ҳангоми чуқур ҷойгир шудани вена). || Мқс. венепунксия.

**ВЕ́НЗЕЛ (ВЕ́НЗЕЛЬ)**, [пол. wezel гиреҳ]. Гулхат, туғро; ҳарфҳои аввали ном, насаб ва номи падар дар шакли нақшу нигор.

**ВЕ́НТИЛ (ВЕ́НТИЛЬ)**, [ол. Ventil]. *тех.* **1**. Даҳанпӯши махсус барои танзими маҷрои моеот, газ, буғ ва ғ. **2**. Яке аз намудҳои *клапани* баргашт; асбоб дар камераи чархи мошин, ки ҳаворо ба камера роҳ медиҳад, аммо ба баромадани он монеъ мешавад. || Мқс. ниппел. **3**. *мус.* Сарпӯши сӯрохии баъзе асбобҳои мусиқии нафасӣ барои танзими овоз. **4**. Асбоби электрикӣ, ки фақат ба як самт равон шудани ҷараёни электрро таъмин мекунад.

**ВЕНТИЛЯ́ТОР**, [< лот. ventio бод мекунам]. Бодбезак, шамолдиҳак, ҳавокашак; асбоби электрикӣ, баъзан дастӣ барои шамолдиҳӣ, ҳавокашӣ, ғуборкашӣ.

**ВЕНТИЛЯ́ТСИЯ (ВЕНТИЛЯ́ЦИЯ)**, [лот. ventilatio]. **1**. Шамолдиҳӣ; берун кардани ҳавои ифлосу вазнин ва ба дарун кашидани ҳавои тоза; системаи асбобу таҷҳизот барои тоза кардани ҳавои бино. **2**. В е н т и л я т с и я и  с у н ъ и и  р о ҳ и  н а ф а с – нафасдиҳии сунъӣ; ба шуш равон кардан ва аз он берун баровардани ҳаво ҳангоми душвор ё қатъ гардидани нафаскашии табиӣ.

**ВЕНТРАЛӢ**, [< лот. venter шикам]. Мансуб ба шикам; шикамӣ; дар дарун ё дар рӯйи шикам ҷойгиршуда.

**ВЕНТРИКУЛОПУ́НКСИЯ (ВЕНТРИКУЛОПУ́НКЦИЯ)**, [лот. ventriculus меъда, меъдача + punctio сӯрох кардан]. *тиб*. Сӯзан халондан ба меъдачаҳои мағзи сар бо мақсади ташхис ё табобат; В.-ро дар мавриди *дренажи* бардавоми меъдачаҳо ҳангоми *гидросефалияи* шадид ё музмин низ кор мефармоянд.

**ВЕНУ́ЛАҲО**, [< *вена*]. *анат*. Венаҳои хурдтарин, ки дар натиҷаи муттаҳид шудани якчанд *капилляр* ба вуҷуд меоянд; В., дар навбати худ, бо якдигар пайваст шуда, ба венаҳои калонтар табдил меёбанд.

**ВЕНЧУРӢ**, [< англ. to venture таваккал кардан]. Амалиёти таваккалӣ дар тиҷорат.

**ВЕРА́НДА**, [англ., санск. veranda]. Пешайвон; айвони болопӯшидае, ки ба яке аз деворҳои иморат часпида меистад. || Мқс. галерея, терраса.

**ВЕРБАЛӢ**, [< лот. verbalis < verbum калима, сухан]. Шифоҳӣ, забонӣ, лафзӣ, даҳонӣ, даҳонакӣ; н о т а и  в е р б а л ӣ – изҳороти хаттии дипломатии беимзо, ки бо изҳороти шифоҳӣ (даҳонӣ) баробар дониста мешавад; одатан, аз номи шахси сеюм навишта мешавад.

**ВЕРБЕ́НА**, [англ. verbena]. *бот*. Як навъ гиёҳи хушбӯй, ки дар минтақаҳои тропикӣ ва субтропикии Амрико мерӯяд; баъзе намудҳои онро чун растании ороишӣ парвариш мекунанд.

**ВЕРДИ́КТ**, [англ. verdict < лот. verre dictum дуруст гуфташуда]. *ҳуқ*. Қарор ё ҳукми машваратчиёни суд дар бораи гунаҳгорӣ ё бегуноҳии шахси судшаванда. || Мқс. сентенсия.

**ВЕРЖЕ́**, [фр. verge]. Як навъ коғази хушсифати дорои нақшҳои обӣ.

**ВЕРИ́ЗМ**, [< ит. vero ҳақиқӣ < лот. vere рост мегӯям]. Равияи реалистӣ дар адабиёт, санъати тасвирӣ ва мусиқии нимаи дуюми асри XIX Италия, ки ба *натурализм* наздик аст; ҳаёти камбағалон, хусусан деҳқононро ба таври воқеӣ тасвир менамоянд, аммо ба нуқсонҳои иҷтимоии ҷомеа баҳо намедиҳад.

**ВЕРИФИКА́ТСИЯ (ВЕРИФИКА́ЦИЯ)**, [фр. verification < лот. verus ҳақиқат + facio мекунам]. **1**. Дар таҷриба санҷида исбот намудани ҳаққонияти ақидаҳои назариявӣ, маълумот, далелҳо. **2**. *фалс*. Яке аз усулҳои *неопозитивизм*: исботи ҳақиқӣ будани ақидаҳо дар бораи олам бо роҳи муқоисаи онҳо бо маълумоти ҳиссӣ ва таҷриба.

**ВЕ́РКБЛЕЙ**, [ол. Werk маснуот + Blei сурб]. *маъд*. Маҳсулоте, ки дар вақти гудохтани сурб ҳосил мешавад; дар таркибаш аз 2 то 10% омехтаи мис, сурма, нуқра ва металлҳои дигар дорад.

**ВЕРЛИ́БР**, [фр. vers libre]. *адш*. Шеъри озод; шеъри бевазн ва беқофия.

**ВЕ́РМАХТ**, [ол. Wehrmacht]. Номи расмии қувваҳои мусаллаҳи Олмон дар давраи ҳукмронии фашизм (солҳои 1935 – 1945); аз ин пеш – *рейхсвер*; дар рафти Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941 – 1945) аз тарафи қувваҳои мусаллаҳи СССР торумор карда шуд.

**ВЕРМИКУЛИ́Т**, [фр. vermiculite]. *маъд.* Алюмосиликати магний ва оҳан; оташбардор, гарминогузар ва садоногузар аст.

**ВЕРМИШЕ́Л (ВЕРМИШЕ́ЛЬ)**, [ит. vermicelli < vermicello кирмча]. Угроча; навъе аз макарон, ки борику кӯтоҳ ва дарунаш пур аст. || Мқс. спагетти.

**ВЕ́РМУТ**, [ол. Wermut явшон]. Майи дар гиёҳҳо хобондаи ангур.

**ВЕРНИСА́Ж**, [фр. vernissage лок молидан]. *санъ.* Рӯзи бо тантана кушода шудани намоишгоҳи расмҳо (аввалҳо – рӯзи бо лок пардоз додани расмҳо пеш аз намоиш).

**ВЕРП**, [ҳол. werp]. Лангари иловагӣ дар киштӣ, ки барои аз тунукоб кашида баровардани киштӣ ё ба ҷои дигар кашола карда бурдани он истифода мешавад.

**ВЕРСИФИКА́ТОР**, [лот. versificator]. *адш.* Шахси дар шеърнависӣ усто; шахсе, ки ба осонӣ ва бадоҳатан шеър эҷод мекунад, аммо шеърҳояш арзиши бадеӣ надоранд.

**ВЕ́РСИЯ**, [фр. version]. **1**. Яке аз чанд таъбир, тафсир, тавзеҳи аз якдигар фарққунандаи ягон далел, ҳодиса ё ҳолат. || Мқс. вариатсия, модификатсия. **2**. *инф.* В е р с и я и э л е к т р о н ӣ – намуди ҳуҷҷат ё матни дар компютер таҳияшуда, ки шакли файлро дорад.

**ВЕРСТА́К**, [< ол. Werkstatt устохона]. Мизи махсус ҷиҳозонидашуда барои дуредгарӣ, харротӣ, челонгарӣ ва ғ.

**ВЁРСТКА**, [< *верстак*]. Саҳифабандӣ; аз сатрҳои чидашудаи матн ва суратҳо сохтани (бастани) саҳифаи китоб, рӯзнома, маҷалла мувофиқи андоза ва қолаби (*макети*) муайян.

**ВЕРТЕБРОЛО́ГИЯ**, [< лот. vertebra сутунмӯҳра + logos илм]. *тиб.* Сутунмӯҳрашиносӣ; соҳаи тиб, ки бемориҳои сутунмӯҳра ва усулҳои ташхису табобати онро меомӯзад.

**ВЕРТИКА́Л (ВЕРТИКА́ЛЬ)**, [< лот. verticalis амудӣ]. **1**. *астр.* Доираи калони кураи осмон, ки аз байни нуқтаи самтурраъс (*зенит*) мегузарад; вертикалеро, ки аз байни қутби олам мегузарад, меридиани осмон меноманд; вертикалеро, ки аз байни нуқтаҳои шарқу ғарб мегузарад, вертикали якум меноманд. **2**. Хати амудӣ; баръакси *горизонтал* (хати уфуқӣ).

**ВЕРТЛЮ́Г**, [ол. Wertluge]. **1**. *анат.* Сари муҳаррики устухони рон, ки ба косачаи кос медарояд. **2**. *тех.* Пайвандгоҳи ду қисми механизм, ки ба яке аз онҳо имконияти дар гирди меҳвари худ гаштанро медиҳад.

**ВЕРТОЛЁТ**, [< рус. вертеть чарх задан + лететь паридан]. Чархбол; олати парвозкунандаи аз ҳаво вазнинтар, ки ба ҷои бол парраҳои чархзананда дорад; амудӣ ба ҳаво мепарад ва мешинад; мусофиркаш, боркаш, ҷангӣ, сӯхторнишон, наҷотдиҳанда ва ғ. мешавад.

**ВЕРФ (ВЕРФЬ)**, [ҳол. werf]. Корхонаи киштисозӣ ва таъмири киштиҳо. || Мқс. док.

**ВЕСТ**, [ол. West]. **1**. Ғарб. **2**. Шамоли ғарбӣ.

**ВЕ́СТА**, [лот. Vesta]. **1**. Дар асотири Рими Қадим – олиҳаи оташдони хона ва давлат. **2**. *астр*. Равшантарин сайёраи хурд, ки онро ба чашм ҳам дидан мумкин аст. || Мқс. Паллада, Юнона.

**ВЕСТА́ЛКАҲО**, [лот. Vestalis]. Дар Рими Қадим – коҳинаҳои олиҳа Веста, ки дар маъбад оташи муқаддасро фурӯзон нигоҳ медоштанд; аз духтарони 6 – 10-солаи аъёну ашроф интихоб карда мешуданд; савганд мехӯрданд, ки ба олиҳа камаш 30 сол хизмат карда, дар ин муддат бакорати худро нигоҳ медоранд; дар сурати шикастани савганд зинда ба зинда дар даруни девор ё дар замин гӯр карда мешуданд; ҳуқуқ доштанд, ҳукми қатли маҳкумшудагонро бекор кунанд, агар дар роҳ бо онҳо дучор оянд.

**ВЕ́СТЕРН**, [англ. western ғарбӣ]. **1**. Дар аввалҳо – кинофилми саргузаштӣ дар бораи азхуд намудани ғарби ИМА дар асри XIX; қаҳрамонҳои асосии В. – шикорчиён, *ковбойҳо*, ҳиндуҳо. **2**. Ҳоло – жанри сабуки кино ва адабиёти моҷароии пур аз тирпарронӣ, куштор, таъқиб ва лату кӯб, ки арзиши баланди ғоявӣ надорад.

**ВЕСТИБУЛОМЕТРИ́Я**, [< *вестибулярӣ* + *…метрия*]. Маҷмуи усулҳои таҳқиқи фаъолияти дастгоҳи мувозанат (*вестибулярӣ*) дар асоси вокуниши он ба ангезаҳои муайян.

**ВЕСТИБУЛЯРӢ**, [< лот. vestibulum даромадгоҳ]. Дастгоҳи вестибулярӣ – дастгоҳи мувозанат; узви ҳисси ҳайвоноти мӯҳрадор ва одам, ки дар фазо тағйир ёфтани вазъи сар ва баданро дарк мекунад; дар гӯши дохилӣ ҷойгир шудааст; ихтилоли вестибулярӣ – чарх задани сар, гум шудани мувозанат, дилбеҳузурӣ ва ғ. дар вақти ҳаяҷону изтироб, расидани зарбаи сахт ба гӯш, бемориҳои дастгоҳи В.

**ВЕСТИБЮ́Л (ВЕСТИБЮ́ЛЬ)**, [фр. vestibule]. Миёнсарой; даҳлези калон дар биноҳои ҷамъиятӣ, мас., дар театр, донишгоҳ ва ғ.; одатан, ҷойи либосовезӣ, оина, курсиҳо дорад. || Мқс. аванзал, фойе, холл.

**ВЕТА́ЛҲО**, [ҳинд. қад.]. Дар дини ҳиндуия – ҷинҳои зиёнкоре, ки дар ҷангалҳо ва қабристонҳо зиндагӣ мекунанд ва шабҳо ба бадани мурдаҳо медароянд. || Мқс. вампир.

**ВЕТЕРА́Н**, [< лот. veteranus солхӯрда, озмудашуда, ботаҷриба]. **1**. Дар Рими Қадим – аскаре, ки мӯҳлати хизмати ҳарбиро адо кардааст; ба В. замин, пул ва ҳуқуқи шаҳрвандии Рим дода, ӯро аз корҳои маҷбурӣ озод мекарданд. **2**. Ҷанговари солхӯрда; шахсе, ки дар ҷанги гузашта иштирок кардааст. **3**. Собиқадор; шахсе, ки дар ягон соҳа солҳои зиёд кор кардааст, мас.: В.-и меҳнат, В.-и матбуот ва ғ.

**ВЕТЕРИНА́Р**, [< лот. veterinarius нигоҳубинкунандаи чорво]. *байт*. Байтор; мутахассиси *ветеринария*; духтури ҳайвонот; табиби чорво.

**ВЕТЕРИНА́РИЯ**, [< лот. veterinarius нигоҳубинкунандаи чорво]. Илми байторӣ; соҳаи илм ва фаъолияти амалие, ки ба пешгирӣ ва муолиҷаи бемориҳои ҳайвонот, муҳофизати одамон аз *зооантропонозҳо*, истеҳсоли маҳсулоти хушсифати чорво, муҳофизати ветеринарию санитарии муҳити зист равона гардидааст.

**ВЕ́ТО**, [< лот. veto манъ мекунам]. **1**. Бекор кардан; манъ кардан; дар ҳуқуқи давлатӣ – қарори як мақоми давлатиро (одатан, парламентро) бекор кардани мақоми дигари давлатӣ (одатан, сардори давлат); ветои мутлақ – қатъиян ва бебозгашт бекор кардани лоиҳаи қонун; ветои мутаваққиф – ветое, ки ба баррасии такрории (ҳатто тасдиқи) лоиҳаи пештар бекоршудаи қонун имкон медиҳад. || Мқс. мораторий. **2**. Принсипи яковозии аъзои доимии Шӯрои Амнияти СММ ҳангоми қабули қарорҳо.

**ВЗВО́Д**, [рус.]. Ҷузъи *рота*, *эскадрон* ё *батарея*.

**ВИАДУ́К**, [< лот. via роҳ + duco мебарам]. Купруки болои ҷарӣ, сой; роҳ ё купруке, ки аз тагаш роҳи оҳан мегузарад. || Мқс. акведук, дюкер, эстакада.

**ВИБРА́ТОР**, [< лот. vibrare ларзондан]. **1**. Қисми ларзанда ё ларзонандаи дастгоҳ, олат. **2**. Манбаи лаппиши механикӣ ё электромагнитӣ; В. дар шибба кардани бетон, задани сутунҳои чӯбину оҳанин, санҷиши тобоварии мошину таҷҳизот ба ларзиш, инчунин дар асбобҳои масҳи бадан, телефонҳои мобилӣ ва ғ. истифода мешавад. **3**. Қисми лаппишхӯрандаи асбобҳои ченкунанда. **4**. Асбоби масҳи бадан.

**ВИБРАФО́Н**, [< лот. vibrare ларзондан + phone овоз]. *мус*. Як навъ асбоби мусиқии чангмонанд; *ксилофон* низ гӯянд.

**ВИБРА́ТСИЯ (ВИБРА́ЦИЯ)**, [< лот. vibratio]. Навасон; лаппиш ё ларзиши механикие, ки ин ё он ҷисм ё олат ба вуҷуд меорад.

**ВИБРИО́З**, [< *вибрион*]. *байт*. Як навъ бемории чорвои хонагӣ; *кампилобактериоз* низ гӯянд.

**ВИБРИО́Н**, [< лот. vibrare ларзидан, печутоб хӯрдан]. *мкб*. Як навъ бактерияе, ки ба аломати вергул монанд аст; дар ҳавзҳо, хок, инчунин дар рӯдаи одам ва ҳайвонот зиндагӣ мекунад; баъзе намудҳои хавфноки он боиси *вибриоз* ва вабо шуда метавонанд.

**ВИБРИ́ССҲО**, [лот. vibrissae]. Мӯйҳои дарози ҳассоси ширхӯрон, ки қабза-қабза дар назди чашм, дар ҷоғҳои боло ва поён, баъзан дар қисмҳои дигари бадан ҷойгир шудаанд.

**ВИ́БРО**..., [лот. vibro меларзам]. Қисми калима, ки бо лаппиш, ларзиш, навасон муносибат доштанро ифода мекунад; мас., *виброграф*.

**ВИБРО́ГРАФ**, [*вибро*... + ...*граф*]. Асбоб барои чен кардани шиддати ларзиши (лаппиши) механикии ҷисмҳои ларзанда (лаппанда).

**ВИБРОИЗОЛЯ́ТСИЯ (ВИБРОИЗОЛЯ́ЦИЯ)**, [*вибро*... + ...*изолятсия*]. Муҳофизати иморатҳо, мошинҳо, дастгоҳҳо, одамон аз таъсири зарарноки навасон (*вибратсия*).

**ВИБРОКАРДИО́ГРАФ**, [*вибро*... + ...*кардио* +...*граф*]. Асбоб барои таҳқиқи лаппишҳои басомадашон пасти қафаси сина дар натиҷаи кашидашавии мушакҳои дил.

**ВИБРО́МЕТР**, [*вибро…* + *…метр*]. Ларзишсанҷ; асбоби электромеханикӣ барои таҳқиқи навасон (ларзиш, вибратсия).

**ВИ́БРОТЕРАПИ́Я**, [*вибро…* + *…терапия*]. *тиб.* Навасондармонӣ; табобати бемориҳои асаб ва бемориҳои илтиҳобӣ бо ёрии масҳи навасонӣ (вибратсионӣ); гардиши хун ва мубодилаи моддаҳоро беҳтар мегардонад.

**ВИ́БРОТРО́Н**, [*вибро…* + *(элек)трон*]. *тех.* Ниг. *механотрон.*

**ВИВА́РИЙ**, [лот. vivarium]. Бино барои нигоҳ доштан ва парвариш намудани ҳайвонот бо мақсади таҷрибагузаронӣ ё намоиш.

**ВИВА́Т**, [лот. vivat]. Нидои «зинда бод!»

**ВИВА́ЧЕ**, [лот. vivace зинда]. *мус.* Дар мусиқӣ – суръати тез, байни *аллегро* ва *престо.*

**ВИВЕ́РРА**, [лот. Viverra]. *зоол.* Ширхӯри даранда, ки асосан дар Осиёи Ҷанубӣ-Шарқӣ зиндагӣ мекунад; дарозии баданаш 0,6-0,85 м; ғадуди махсусе дорад, ки шираи хушбӯй (сибетин) ҷудо мекунад ва онро дар тиб ва атторӣ истифода мебаранд.

**ВИВИАНИ́Т**, [англ. vivianite]. *маъд.* Минерале, ки аз омехтаҳои фосфати обии оҳани дувалента, калсий, марганетс, магний ва оҳани севалента иборат аст; дар шакли кристаллҳои беранг ва кабудтоб дучор мешавад; аз В. ранги кабуд (*пигменти* минералӣ) тайёр мекунанд.

**ВИВИПА́РИЯ**, [< лот. vivus зинда + pario таваллуд мекунам]. *биол.* Зиндазоӣ; усули ба вуҷуд овардани насл, ки зимни он ҷанин дар батни модар инкишоф меёбад ва урён (на дар пардаи тухм) берун меояд; баръакси тухмзоӣ.

**ВИВИСЕ́КСИЯ (ВИВИСЕ́КЦИЯ)**, [< лот. vivus зинда + sectio чок кардан]. Чок кардани ҳайвони зинда бо мақсади омӯхтани кори организм, муайян намудани сабабҳои беморӣ ва усулҳои муолиҷа.

**ВИДЕО…**, [лот. video мебинам]. Қисми таркибии калимаҳои мураккаб, ки ба сигналҳои электрии акснишондиҳанда муносибат доштанро ифода мекунад, мас., *видеотелефон.*

**ВИ́ДЕО-АРТ**, [англ.video art]. *санъ.* Равияе дар санъати тасвирӣ, ки охирҳои асри XX пайдо шудааст; мақсади ин равия – ба воситаи техникаи видеоӣ намоиш додани роҳи тайнамудаи рассом аз пайдо шудани ғояи бадеии асар то таҷассуми амалии он; бо истифода аз видеокамераҳо ва мониторҳо ҳеппенингҳо мегузаронад (ниг. *ҳеппенинг*).

**ВИДЕОДИ́СК**, [*видео…* + *…диск* қурс]. Қурси ихчами (компакт-диски) лазерии гунҷоишаш ниҳоят зиёд, ки дар роҳчаҳояш на фақат иттилооти овозӣ, балки иттилооти видеоӣ низ сабт шудааст; барои тамошо ва гӯш кардани он видеодискхонаки лазерӣ лозим аст.

**ВИДЕОИ́МПУЛС (ВИДЕОИ́МПУЛЬС)**, [*видео…* + *…импулс*]. *Импулси* электрӣ, ки дорои шакли росткунҷа, трапетсия, зангӯла ва ғ. мебошад; дар телевизион, техникаи ҳисоббарор, автоматика, электроникаи ядроӣ ва соҳаҳои диг. истифода мешавад.

**ВИДЕОКА́МЕРА**, [*видео… + …камера*]. Дастгоҳи оптикию электромагнитӣ ва рақамӣ барои сабти тасвир ва садо; дорои *объектив*, асбоби ташаккулдиҳандаи видеосигнал ё видеоселаи рақамӣ, *микрофон* ва неруфизо мебошад.

**ВИДЕОКА́РТА**, [*видео… + …карта*]. Видеоқарта; видеокорт; асбоби махсус дар қисми системавии компютер, ки барои дар *монитор* пайдо кунондани тасвир хизмат мекунад; ба воситаи сим бо монитор пайваст мебошад; *видеоплата* низ гӯянд.

**ВИДЕОКАССЕ́ТА**, [*видео… + …кассета*]. *Кассетаи* пластмассии дорои навори магнитӣ барои сабти тасвир.

**ВИДЕОКЛИ́П**, [*видео… + …клип*]. Сюжети кӯтоҳи телевизионӣ, ки бештар аз сурудҳои эстрадӣ ва навору тасвирҳои гуногуни махсус часпондашуда иборат аст; баъзан бо мақсади *реклама* низ хизмат мекунад.

**ВИДЕОКОНФЕРЕ́НСИЯ (ВИДЕОКОНФЕРЕ́НЦИЯ)**, [*видео… + конференсия*]. Конференсияи телевизионӣ, ки дар он барои робита ва муошırати байни иштирокчиён видеокамераҳо ва мониторҳо истифода мешаванд.

**ВИДЕОМАГНИТОФО́Н**, [*видео… + …магнитофон*]. Дастгоҳ барои ҳамзамон сабт намудани сигналҳои тасвири телевизионӣ ва овоз дар навори магнитӣ. || Мқс. видеоплеер.

**ВИДЕОМА́Н**, [*видео… + …ман*]. Ошиқи ашаддии видеофилмҳо.

**ВИДЕОПЛЕ́ЕР**, [*видео… + …плеер*]. Дастгоҳ барои барқарор намудани (намоиш додани) сигналҳои тасвири телевизионӣ ва овоз, ки дар навори магнитӣ сабт шудаанд. || Мқс. видеомагнитофон.

**ВИДЕОПОДКА́СТ,** [*видео… + подкаст*]. *инф*. Барномаи видеоӣ, ки дар шакли файл таҳия шудааст. || Мқс. подкаст.

**ВИДЕОПРИ́НТЕР,** [*видео… + принтер*]. Олат барои чоп кардани сурат аз экрани телевизор, телефон ва ғ.

**ВИДЕОРЕКО́РДЕР**, [*видео…* + record сабт]. Олат барои сабт кардани тасвири видеоӣ дар шакли рақамӣ.

**ВИДЕОРЯ́Д**, [*видео…* + рус. ряд қатор]. Видеоқатор; силсиласуратҳои видеоӣ, ки пасиҳам дар экран ё монитор пайдо мешаванд.

**ВИДЕОСИГНА́Л**, [*видео… + …сигнал*]. *тех*. Сигнали электрии дорои басомадҳои гуногун (аз даҳҳо гертс то якчанд мегагертс), ки барои ба вуҷуд овардани тасвир дар телевизион, *радиолокатсия* ва ғ. истифода мешавад.

**ВИДЕОТЕ́КА**, [*видео… + …тека*]. **1**. Маҷмуи *видеокассетаҳо* ва *видеодискҳо*. **2**. Ҷойи нигоҳдории онҳо.

**ВИДЕОТЕЛЕФО́Н**, [*видео… + …телефон*]. **1**. Намуди алоқа, ки ба муштариёни бо телефон суҳбаткунанда имкон медиҳад, ҳамдигарро дар экранҳои телефони худ

бинанд, ба якдигар сурат, матн ва ғ.-ро нишон диҳанд; ҳоло ба ҷойи В. аз барномаи компютерии *скайп* (skype) истифода мебаранд. **2**. Дастгоҳ барои чунин алоқа.

**ВИДЕОТЕРМИНА́Л**, [*видео… + …терминал*]. *инф*. Асбоби экрандор барои ворид ва хориҷ намудани иттилоот дар системаҳои иттилоотӣ.

**ВИДЕОТЕ́ХНИКА**, [*видео… + …техника*]. Маҷмуи асбобҳои техникӣ барои сабт ва намоиш додани тасвирҳо.

**ВИДЕОФИ́ЛМ (ВИДЕОФИ́ЛЬМ)**, [*видео… + …филм*]. Филми телевизионӣ ё кинофилм, ки дар навори магнитӣ ё қурси (*диски*) оптикӣ сабт шуда, бо ёрии компютер, *видеомагнитофон, видеоплеер* ва ғ. намоиш дода мешавад.

**ВИДЕОХО́СТИНГ**, [*видео…* + host пазироии меҳмонон]. *инф*. Сайт (ниг. *сайт*) барои нигоҳ доштан ва тамошо кардани маводи видеоӣ дар *браузер*.

**ВИДЖЕ́Й**, [англ. VJ < кӯтоҳшудаи video jockey]. Ровии барномаи мусиқии телевизионӣ.

**ВИДИКО́Н**, [< лот. videre зинда дидан + юн. eikon тасвир]. *тех*. Найчаи фиристандаи телевизионии электронӣ-шуоӣ.

**ВИ́ЗА**, [< лот. visus дидашуда]. **1**. Раводид; иҷозатнома барои омадан, рафтан, зиндагӣ кардан ё аз ҳудуди ин ё он давлат гузашта рафтан, ки аз ҷониби муассисаи дахлдори давлати хориҷӣ дар шиноснома қайд карда мешавад. **2**. Қайди шахси мансабдор дар рӯйи ягон ҳуҷҷат.

**ВИЗА́Ж**, [< фр. visage рӯй]. Ороиш ва пардози рӯй бо ёрии воситаҳои косметикӣ (крем, ранг, упо, лабсурхкунак ва ғ.). || Мқс. макияж.

**ВИЗАЖИ́СТ,** [< *визаж*]. Мутахассиси *визаж*; *косметолог*.

**ВИЗИОНИ́ЗМ**, [англ. visionism]. Майли шаҳвонӣ ба тамошои бадани урён ва алоқаи ҷинсии дигарон.

**ВИЗИ́Р**, [< лот. viso мебинам]. **1**. Олати нишонгирии чокдор (сӯрохдор) дар аслиҳаи тирпарронӣ. **2**. Дар авиатсия – асбобе, ки бо таъсири шамол аз хати парвози (курси) муқарраршуда баромадани ҳавопайморо нишон медиҳад. **3**. *геод*. Асбоб барои муайян кардани ягон нуқтаи даркорӣ. || Мқс. диоптр.

**ВИЗИТА́ТСИЯ (ВИЗИТА́ЦИЯ)**, [< лот. visitatio тафтиш]. Дар ҳуқуқи байналмилалии баҳрӣ – ҳуқуқи киштиҳои ҳарбӣ барои талаб ва тафтиш намудани ҳуҷҷатҳои киштиҳои шубҳаноки боркаш ва дигар киштиҳои ғайриҳарбӣ дар баҳри кушод.

**ВИЗИ́ТКА**, [< фр. visite]. 1. Муаррифинома; варақчае, ки дар он ному насаб, мансаб, унвон, рақами телефон, суроғаи шахс (соҳиби В.) сабт шудааст.

**ВИЗУАЛӢ́**, [< лот. visualis босиравӣ, биноӣ]. Дидавӣ; аёнӣ; м у ш о ҳ и д а и  в и з у а л ӣ – мушоҳидаи дидавӣ; мушоҳида бо чашми одӣ ё бо асбоби оптикӣ (мас., дурбин, заррабин).

**ВИ́КА**, [лот. Vica]. *бот.* Кирсина; алафи мошак; ҷинси алафҳои бисёрсола ё яксола аз оилаи растаниҳои лӯбиёӣ (такр., 150 намуд); дар минтақаҳои муътадил мерӯяд.

**ВИКА́РИЙ**, [< лот. vicarius муовин, ноиб]. **1**. Дар калисои православӣ – ёвари *епископ*, епископи бе *епархия*. **2**. Дар калисои протестантӣ – ёвари рӯҳонӣ. || Мқс. капеллан.

**ВИ́КИ**, [англ. wiki < гавайӣ зуд, тез]. *инф. Веб-сайте,* ки сохт ва муҳтавои онро истифодабарандагон метавонанд бо ёрии абзори пешниҳоднамудаи худи ҳамон *сайт* тағйир диҳанд.

**ВИ́КИ...**, [англ. wiki < гавайӣ зуд, тез]. *инф.* Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки ба вики (ниг. *вики*) робита доштанро ифода мекунад, мас., википедия, вики-саҳифа, вики-муҳаррир.

**ВИ́КИНГҲО**, [скан. қад. viking]. Ҷанговарони скандинавӣ – роҳзанони баҳрие, ки дар асри IX қисми шимолу шарқии Англия ва дар асри X – Фаронсаи Шимолиро (Нормандияро) ишғол карда, то Амрикои Шимолӣ расида буданд; онҳоро дар Рус *варягҳо*, дар Аврупои Ғарибӣ – *норманнҳо* меномиданд.

**ВИКИПЕ́ДИЯ**, [англ. Wikipedia]. Энсиклопедияи интернетии бисёрзабона, ки онро истифодабарандагон аз тамоми ҷаҳон доимо нав карда ё тағйир дода меистанд.

**ВИКО́НТ**, [фр. viconte]. Унвони ашрофӣ дар мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ (байни *барон* ва *граф*).

**ВИКОНТЕ́ССА**, [фр. vicontesse]. Зан ё духтари *виконт*.

**ВИКТОРИА́НҲО**, [англ. Victorians]. **1**. Ходимони фарҳанги Англия дар солҳои ҳукмронии малика Виктория (1837-1901). **2**. *маҷ.* Одамони кӯҳнапарасту некдил.

**ВИКТОРИ́НА**, [лот. Victoria ғалаба]. Бозии саволу ҷавоб, одатан, дар ягон мавзуи муайян.

**ВИКТО́РИЯ**, [лот. victoria]. **1**. Дар асотири римиёни қадим – олиҳаи ғалаба. **2**. *бот.* Растании обии бисёрсола аз оилаи савсанҳо (2 намуд); баргҳои калон дорад (паҳниашон то 2 м), ки дар рӯи об шино мекунанд ва то 50 кг борро бардошта метавонанд.

**ВИ́ЛКА**, [рус. вила – панҷшоха]. Чангак; чангол; шохача; асбоби таомхӯрӣ, ки шакли панҷшохаро дорад ва номаш аз ҳамин ҷост.

**ВИ́ЛЛА**, [лот. villa мулк]. Кӯшки боғдори берунишаҳрӣ.

**ВИЛЛЕМИ́Т**, [англ. willemite]. *маъд.* Минерале аз зерсинфи силикатҳо; силикати руҳ, ки дар таркибаш омехтаҳои оҳан, калсий, магний ва марганетс дорад; аз В. руҳ ҳосил мекунанд.

**ВИЛТ**, [англ. wilt пажмурда шудан]. Беморӣ растанӣ, хусусан ниҳоли пахта, ки бо таъсири бактерияҳо, инчунин омилҳои муҳити берунӣ пайдо мешавад.

**ВИ́МПЕЛ (ВЫ́МПЕЛ)**, [ҳол. wimpel]. **1**. Байрақи борики дароз дар болои сутуни киштӣ, ки ба кадом давлат мансуб будани киштиро нишон медиҳад. **2**. Байрақчаи секунҷа, ки ба иштирокчӣ ё ғолиби мусобиқа ё намоиш супурда мешавад.

**ВИНДИКА́ТСИЯ (ВИНДИКА́ЦИЯ)**, [< лот. vindico эътироз мекунам, талаб мекунам]. *ҳуқ*. Ба воситаи суд даъвои молу мулк кардани соҳиби он аз шахси сеюме, ки молу мулки ӯро ғайриқонунӣ азони худ кардааст.

**ВИ́НДОУЗ, ВИ́НДОУС**, [англ. Windows Равзанаҳо]. *инф*. Оилаи системаҳои амалиётии ширкати Майкрософт (Microsoft), ки барои идора намудани он аз *интерфейси* графикӣ истифода мебаранд; маҷмуи барномаҳои компютерӣ, ки кори барномаҳои дигарро (мас. барномаҳои дизайнерӣ, матнӣ, интернетӣ ва ғ.-ро) идора, танзим ва ҳамоҳанг менамояд.

**ВИ́НДОУЗ КОММАНДЕР**, [англ. Windows Commander Ҳокими Равзанаҳо]. *инф*. Маҷмуи барномаҳои компютерие, ки асосан барои таҳия, нусхабардорӣ, интиқол, бойгоникунонӣ, «кӯр» кардани файлҳо дар системаи амалиётии «Виндоуз» таъйин шудааст.

**ВИНДРО́ЗА**, [ол. Windrose < Wind шамол + Rose садбарг]. Чархи на чандон калони бодӣ, ки барои ба тарафи шамол гардондани чархи асосии муҳаррики бодӣ хизмат мекунад.

**ВИНДСЁРФЕР**, [англ. windsurfer]. Тахтаи махсуси сутундор ва бодбондор барои машғул шудан бо *виндсёрфинг*.

**ВИНДСЁРФИНГ**, [англ. windsurfing < wind шамол + surfing рӯ-рӯи мавҷ лағжидан]. *варз*. Намуди варзиши обӣ – пойга дар об бо тахтаи махсуси бодбондор (*виндсёрфер* ё *серфер*).

**ВИНЕГРЕ́Т**, [фр. vinaigrette]. **1**. Як навъ таоми сард, ки аз сабзавоти майда резакардашуда (картошкаю лаблабуи ҷӯшондашуда, бодиринги шӯр, нахуди сабз) тайёр карда мешавад; барои хушхӯр шуданаш сиркою равғани растанӣ ҳамроҳ мекунанд. **2**. *маҷ*. Ҳар чизи омехта; кори дарҳам-барҳам.

**ВИНИ́Л**, [лот. vinum (vini) май]. *хим*. *Радикали* органикии яквалента, ки аз *этилен* бо роҳи дур кардани як атоми гидроген ҳосил карда мешавад.

**ВИНИЛАТСЕТА́Т (ВИНИЛАЦЕТА́Т)**, [< *винил* + *атсетат*]. *хим*. Пайвасти органикии ба таври сунъӣ ҳосил кардашаванда, ки молекулааш *винил* дорад; эфири кислотаи сирко; барои тайёр кардани локу ранг истифода мешавад.

**ВИНИЛАТСЕТИЛЕ́Н (ВИНИЛАЦЕТИЛЕ́Н)**, [< *винил* + *атсетилен*]. *хим*. Пайвасти органикии аз *атсетилен* ҳосилшуда, ки молекулааш *винил* дорад; барои тайёр кардани локу ранг ва полимерҳо истифода мешавад.

**ВИНИЛБЕНЗО́Л**, [< *винил* + *бензол*]. *хим*. Як навъ пайвасти органикии хушбӯй; *стирол* низ гӯянд.

**ВИНИЛХЛОРИ́Д**, [< *винил* + *хлорид*]. *хим*. Пайвасти органикие, ки молекулааш *винил* дорад; гази беранг, ки барои ҳосил намудани *поливинилхлорид* истифода мешавад.

**ВИНИПЛА́СТ**, [< *вини(л)* + *пласт(масса)*]. *хим*. Пластмассаи сахту бадошт, ки асосашро *поливинилхлорид* ташкил медиҳад; аз В. бомпӯш, ҳар гуна масолеҳи пардозгарӣ, зарф тайёр мекунанд.

**ВИНЙЕ́ТКА (ВИНЬЕ́ТКА)**, [фр. vignette]. **1**. Нақшу нигор дар аввалу охири китоб (фасл, боб ва ғ.). **2**. Сурати умумие, ки аз суратҳои алоҳидаи хатмкунандагони кӯдакистон, мактаби миёна, мактаби олӣ иборат аст.

**ВИНО́**, [< лот. vinum (vini) май]. Май; шаробе, ки аз ангур ё шарбати меваҳои дигар мекашанд; баъзан барои сахттаъсир шуданаш спирт ҳамроҳ мекунанд; ба қатори машруботи алкоголӣ дохил мешавад.

**ВИНТ**, [< ол. Gewinde]. **1**. *тех*. Мурват; мехи печдор, ки онро бо мурваттоб чапу рост тоб дода ба ҷойе медароранд ё аз ҷойе мебароранд, то чизе баста ё кушода шавад. **2**. *тех*. Наварди паррадоре, ки тоб хӯрда, киштӣ, ҳавопаймо, чархболро ба ҳаракат медарорад. **3**. *инф*. Қурси (диски) сахт, ки барои нигоҳдории доимии иттилоот дар хотираи компютер хизмат мекунад. || Мқс. винчестер, ҳард диск. **4**. Як навъ қартабозӣ, ки ду кас бо ду кас бо қартаҳои 52-варақӣ бозӣ мекунанд.

**ВИНТА́Ж,** [фр. vintage]. **1**. Дар соҳаи майкашӣ: май ё ҳосили ангури соли муайян. **2**. Ҳама гуна либос, ашёи рӯзгор ва дигар чизҳои қадима, ки дар замони муосир эҷодкорона, бо ворид намудани баъзе ҷузъҳои нав истифода мешаванд. || Мқс. ретро.

**ВИНЧЕ́СТЕР**[1], [англ. Winchester – аз номи ихтироъкори амрикоӣ О. Винчестер]. Навъи милтиқи шикорӣ, ки дар нимаҳои асри XIX дар Амрикои Шимолӣ истеҳсол карда мешуд.

**ВИНЧЕ́СТЕР**[2], [англ. winchester – аз номи ш. Винчестери Британияи Кабир]. *инф*. Қурси (*диски*) сахти магнитӣ барои нигоҳ доштани иттилоот дар хотираи компютер. || Мқс. винт, ҳард диск.

**ВИО́ЛА**, [ит. viola]. Номи умумии асбобҳои мусиқии қадима, ки бо камонча менавохтанд. || Мқс. алт, баритон, виолончел.

**ВИОЛА́Н**, [< лот. viola бунафша]. *маъд*. Минерали кабуди диопсид, ки дар заргарӣ ба кор меравад.

**ВИОЛОНЧЕ́Л (ВИОЛОНЧЕЛЬ)**, [ит. violoncello]. Асбоби чортораи мусиқӣ, ки бо камонча менавозанд; ба ғижжаки калон монанд аст; дар оркестри симфонӣ дар байни *алт* ва *контрабас* меистад.

**ВИП**, [англ.VIP < very important person шахси хеле воломақом]. Одами ниҳоят машҳур, олимартаба ё сарватманд, ки барои вай имтиёзҳо ва хизматрасонии хоса пешбинӣ шудааст.

**ВИП-...**, [< англ.VIP кӯтоҳшудаи very important person шахси олимартаба]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои: мансуб ба шахсони олимартаба, барои шахсони воломақом таъйиншуда, мас., вип-хизматрасонӣ, вип-сауна.

**ВИ́ПЕРҲО**, [англ. viper]. *зоол.* Морҳои афъӣ; оилаи морҳои заҳрноке, ки дарозиашон то 2 м мешавад (такр. 60 намуд); дар Африқо ва Авросиё зиндагӣ мекунанд.

**ВИ́РА**, [ит. vira]. Хитоб ба кранчӣ ба маънои «боло бардор!»; баръакси «*майна*».

**ВИРА́Ж**, [фр. virage гирд гаштан]. **1**. Дар вақти парвоз 360˚ тоб хӯрдани ҳавопаймо. **2**. Гардиши автомобил, велосипед, чана ва ғ. ба тарафи чап ё рост дар вақти мусобиқаҳои варзишӣ. **3**. Маҳлули намак, ки дар суратгарӣ ба кор меравад; В. ба ранги сурат тобишҳои гуногун медиҳад.

**ВИРГА́ТСИЯ (ВИРГА́ЦИЯ)**, [< лот. virga шоха]. *геол.* Ба шохаҳо ҷудо шудани чинҳои ҷинсҳои кӯҳӣ.

**ВИРЕМЕ́НТ**, [фр. virement]. *мол.* Амалиёти бонкӣ, ки бо он маблағи пулӣ аз суратҳисоби ҷории касе ба суратҳисоби ҷории шахси дигар гузаронда мешавад.

**ВИРИЛИ́ЗМ**, [< лот. virilis мардона]. Мардмонандӣ; дар занҳо вуҷуд доштани аломатҳои ҷинсии мардона (мас., мӯйлаб, риш, овози ғафс ва ғ.).

**ВИРИО́**, [англ. virion]. *мкб.* Бадани одии вирус, ки аз *кислотаи нуклеинӣ* ва сафедапарда (*капсид*) иборат аст; маводи ирсии вирусро аз як ҳуҷайра ба ҳуҷайраи дигар интиқол медиҳад.

**ВИРТУАЛӢ**, [лот. virtualis]. **1**. Имконпазир; ҳар чизе, ки дар ягон шароити муайян пайдо шуда (ба амал омада ё рӯй дода) метавонад. **2**. *инф.* Дар экрани компютер сохташуда (офаридашуда).а

**ВИРТУО́З**, [ит. virtuoso < лот. virtus истеъдод]. Устоди кори худ; шахсе, ки тамоми нозукиҳои касби худро, санъати худро омӯхтааст. || Мқс. ас.

**ВИРУЛЕНТӢ**, [< лот. virulentus заҳрнок]. *тиб.* Микробҳои вирулентӣ – микробҳои бемориовар.

**ВИ́РУС**, [< лот. virus заҳр]. **1**. Микроорганизми хурдтарин, барангезандаи бемориҳои сироятии одамон, ҳайвонот ва растаниҳо; аз кислотаи нуклеинӣ ва сафедапарда иборат аст; танҳо дар ҳуҷайраҳои зинда афзоиш меёбад. **2**. *инф.* Барномаи компютерие, ки *хакерҳо* қасдан барои нест кардани барномаҳои дигар, аз кор баровардани курсҳои (дискҳои) сахт ва флоппи-дискҳо, инчунин хотираи оперативии компютер тайёр ва паҳн мекунанд.

**ВИРУСЕМИ́Я**, [< вирусҳо + юн. haima хун]. *тиб.* Дар хун давр задани вирус; В. дар натиҷаи афзоиши вирусҳо дар ҳуҷайраҳои узвҳои дарунӣ ва аз ҳуҷайраҳои зарардида ба хун гузаштани онҳо пайдо мешавад.

**ВИРУСОЛО́ГИЯ**, [< *вирус* +…*логия*]. Вирусшиносӣ; илме, ки сохт, афзоиш ва хусусиятҳои биологию химиявии вирусҳо, инчунин усулҳои пешгирӣ, ташхис ва табобати бемориҳоеро, ки бо таъсири вирусҳо пайдо шудаанд, таҳқиқ мекунад.

**ВИ́СКИ**, [англ. whisky]. Арақе, ки дар ИМА ва Британияи Кабир аз шираи ҷав ё ҷуворимакка мекашанд. || Мқс. бренди, водка, ром.

**ВИСКО́ЗА**, [< лот. viscosus часпак]. **1**. Маҳсули коркарди *селлюлоза* – моддаи часпаке, ки барои истеҳсоли абрешими сунъӣ ва *селлофан* ба кор меравад. **2**. Абрешими сунъӣ.

**ВИСКОЗИМЕ́ТР**, [< *вискоза* + …*метр*]. *физ., тех.* Асбоб барои чен кардани дараҷаи часпакии моеот ва газҳо. || Мқс. консистометр, манометр.

**ВИСКОЗИМЕ́ТРИЯ**, [< *вискоза* + *…метрия*]. *физ., тех.* Маҷмуи усулҳои чен кардани дараҷаи часпакии моеъот ва газҳо, ки ба қонунҳои Пуайзейл ва Стокс асос ёфтаанд.

**ВИСКОЗИ́Н**, [< лот. viscosus часпак]. *тех.* Равғани сафеди часпак барои молидан ба силиндрҳои мошинҳои буғӣ.

**ВИСКОЗӢ**, [< *вискоза*]. Аз *вискоза* тайёршуда; н а х ҳ о и  в и с к о з ӣ – наххҳои сунъие, ки аз *вискоза* тайёр карда мешаванд; аз *гидратселлюлозаҳо* иборатанд; якҷоя бо наххҳои дигар барои истеҳсоли матоъ, трикотаж ва ғ. истифода мешаванд.

**ВИ́СМУТ**, [ол. Wismut]. *хим.* Элементи химиявӣ, рамзаш Bi; металли вазнини зудгудоз, рангаш нуқрафоми сурхтоб; дар олатҳои оташхомӯшкунак, саноати шиша, чинию сафол, дорусозӣ, дар муолиҷаи дандон истифода мешавад; пайвастҳои В.-ро дар тиб ба кор мебаранд.

**ВИСМУТИ́Н**, [ол. Bismutin]. *маъд.* Сулфиди *висмут* ($Bi_2S_3$), минерал асосӣ барои истеҳсоли висмут ва пайвастҳои он.

**ВИССО́Н**, [< юн. byssos катони тунук]. Матои сафед ё арғувонии гаронбаҳо, ки замонҳои қадим дар Юнон, Рим ва Миср аз он истифода мебурданд.

**ВИСТ**, [англ. whist]. Як навъ қартабозӣ, ки ду кас бо ду кас бо қартаҳои 52-варақӣ бозӣ мекунанд. || Мқс. бостон, винт.

**ВИ́СТРА**, [< *вискоза*]. Пашми сунъӣ, ки аз *вискоза* тайёр карда мешавад.

**ВИСТСЕРАЛӢ (ВИСЦЕРАЛӢ)**, [< лот. viscera узвҳои дарунӣ]. *анат.* Мансуб ба узвҳои дарунии одам ва ҳайвон.

**ВИТАЛИ́ЗМ**, [< лот. vitalis ҳаётӣ]. *биол.* Равияе дар биология; ба ақидаи намояндагони он, дар организм ким-чӣ хел қувваҳои ғайримоддии фавқуттабиае вуҷуд доранд, ки гӯё ҳаёти одамро идора мекунанд; В.-и муосир назарияи эволютсионии Дарвинро инкор менамояд.

**ВИТАЛӢ**, [< лот. vitalis ҳаётӣ]. *биол., тиб.* Ҳаётӣ; мансуб ба ҳодисаю равандҳои ҳаётӣ; баръакси *леталӣ.*

**ВИТАМИНОЛО́ГИЯ**, [< лот. vita ҳаёт + юн. logos илм]. Витаминшиносӣ; илме, ки сохт, хусусият, усулҳои ҳосил намудани витаминҳо ва таъсири онҳоро меомӯзад.

**ВИТАМИНОТЕРАПИ́Я**, [< *витаминҳо* + *терапия*]. *тиб.* Витаминдармонӣ; ба организм ворид намудани *витаминҳо* ҳангоми камвитаминӣ, инчунин бо мақсади табобат ва пешгирии бемориҳо.

**ВИТАМИНҲО**, [< лот. vita ҳаёт]. Моддаҳои органикие, ки барои фаъолияти муътадили ҳаётии организм заруранд, инчунин доруҳое, ки аз чунин моддаҳо тайёр карда шудаанд; В. ба организм асосан ба воситаи хӯрок дохил мешаванд; аҳамияти биологии В. аз он иборат аст, ки онҳо мубодилаи моддаҳоро танзим менамоянд, ҳазми моддаҳои ғизоиро тезонида, ба сабзиши муътадили ҳуҷайраҳо ва инкишофи организм ёрӣ мерасонанд.

**ВИТЕРИ́Т**, [англ. witherite аз номи олими англис В. Витеринг (Withering)]. *маъд.* Минерале, ки асосан аз карбонати натрий иборат аст; дар шакли агрегатҳои саққошакли сафед, хокистарранг ва зард дучор мешавад; аз В. барий ва намакҳои он ҳосил карда мешавад.

**ВИТИЛИ́ГО**, [лот. vitiligo шукуфа]. *тиб.* Доғҳои сафеде, ки дар пӯст пайдо мешаванд.

**ВИТРА́Ж**, [фр. vitrage < лот. vitrum шишаи тиреза]. Шишаи гуногунранг ё бо нақшу нигор оро додашуда; сурат ё композитсияи аз шишаҳои рангоранг чидашуда.

**ВИТРИ́НА**, [фр. vitrine]. Ҷевон ё қуттии оинадор барои намоиши ашё.

**ВИТРИФИКА́ТСИЯ (ВИТРИФИКА́ЦИЯ)**, [< лот. vitrum шиша + facere кардан]. *хим.* Бо ҳарорати паст ба ҷисми шишашакл табдил додани моеъ.

**ВИ́ТСЕ- (ВИ́ЦЕ-)**, [лот. vice ба ҷойи, монанди]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки маънои ноиб, муовин, ёварро дорад, мас., витсе-адмирал, витсе-президент.

**ВИЧ**, [< рус.  – кӯтоҳшудаи вирус иммунодефицита человека]. *тиб.* ВНМО (*вируси* норасоии масунияти одам); ретровирус аз ҷинси лентивирусҳо, ки ҳуҷайраҳои системаи масуниятро хароб намуда, ба БПНМ (СПИД) бурда мерасонад; бо усули антиретровирусӣ муолиҷа карда мешавад. || Мқс. СПИД.

**ВИ-ЧИП**, [англ. V-chip]. Асбоби махсусе, ки ба телевизор насб карда шудааст; ба волидон имкон медиҳад, ки каналҳо ё барномаҳои телевизионии барои кӯдакон мамнуъро маҳкам кунанд.

**ВИ́ШВАКАРМАН**, [ҳинд. қад.]. Дар дини ҳиндуия – худои офаранда, ҳамабин ва ҳамадон.

**ВИ́ШНУ**, [ҳинд. қад.]. Дар дини ҳиндуия – худои нигаҳбон – яке аз се худои олӣ.

**ВИШНУИ́ЗМ**, [< Вишну]. Вишнуия; дар дини ҳиндуия – яке аз равияҳои мазҳабии асосӣ, ки бештар дар Ҳиндустони Шимолӣ паҳн шудааст; пайравони В. Вишна ва *аватараҳои* ӯ (пеш аз ҳама Кришна ва Рама)-ро ситоиш менамоянд; мақсади В. муҳофизати олам ва муқаррар намудани тартиботу адолат дар рӯи замин мебошад.

**ВКП(б)**, [рус. кӯтоҳшудаи Всесоюзная Коммунистическая Партия (болшевиков)]. Номи Партияи Коммунистии Иттифоқи Советӣ (ҲКИШ) аз соли 1925 то соли 1952.

**ВЛКСМ**, [рус. кӯтоҳшудаи Всесоюзный Ленинский Коммунистический Союз Молодёжи]. Иттифоқи Ленинии Коммунистии Ҷавонони Умумииттифоқ – номи ташкилоти оммавии ҷавонони шӯравӣ. || Мқс. комсомол.

**ВОДЕВИ́Л (ВОДЕВИ́ЛЬ)**, [фр. vaudeville]. *санъ.* Пйесаи мазҳакавӣ, ки аз рақсу суруд ва бадеҳаҳо иборат аст.

**ВОДОПРОВО́Д**, [< рус. вода + проводить гузарондан]. Иншооти дорои лӯлаҳо ва насосҳо, ки ба воситаи он об ба ҷойҳои даркорӣ ҷорӣ карда мешавад.

**ВОДОРО́Д**, [< рус. вода + *род*]. *хим.* Ниг. *гидроген.*

**ВОКА́БУЛА**, [лот. vocabulum ном, исм]. **1**. Калимаи алоҳидаи забони хориҷӣ бо тарҷумааш ба забони модарӣ. **2**. Сарлавҳаи моддаи луғат.

**ВОКА́Л**, [фр. vocal]. Санъати сурудхонӣ.

**ВОКАЛИ́З**, [фр. vocalize < лот. vocalis садонок]. *санъ.* Асари мусиқии (пйесаи вокалии) бематн, ки фақат бо овозҳои садонок иҷро карда мешавад; одатан, барои машқи сурудхонӣ истифода мешавад.

**ВОКАЛИЗА́ТСИЯ (ВОКАЛИЗА́ЦИЯ)**, [< *вокализ*]. **1**. *санъ.* Сароидан танҳо бо овозҳои садонок. **2**. *збш.* Ба овози садонок табдил ёфтани овози ҳамсадо (мас., ба «у» табдил ёфтани «в»).

**ВОКАЛИ́ЗМ**, [< лот. vocalis садонок]. *збш*. Маҷмуи овозҳои садоноки ин ё он забон, лаҳҷа ё гурӯҳи забонҳо; аломату хусусиятҳои фонемаҳои садонок.

**ВОКАЛИ́СТ**, [< лот. vocalis овозӣ]. *санъ*. Сароянда; мутахассиси санъати сурудхонӣ.

**ВОКАЛӢ**, [< лот. vocalis овозӣ]. *санъ*. Бо овоз иҷрошаванда; мансуб ба санъати сурудхонӣ (мас., ансамбли вокалӣ, мусиқии вокалӣ ва ғ.).

**ВОКАТИ́В**, [лот. vocativus]. *збш*. Шакли хитобии ном, мас., парвардигоро! шоҳо!

**ВОКЗА́Л**, [англ. Wauxhall]. **1**. Дар асри XVII сайлгоҳ, ҷойи дилхушӣ дар наздикии Лондон; дар Руссия – аввалҳо ҷойи дилхушии ҷамъиятӣ. **2**. Саристгоҳ; бинои (ё маҷмуи биноҳои) барои хизматрасонӣ ба мусофирон ва танзими ҳаракати нақлиёти ҳавоӣ, роҳи оҳан, автомобилӣ, дарёӣ, баҳрӣ ҷиҳозонидашуда.

**ВОКО́ДЕР**, [< англ. voice овоз + code рамз]. *тех*. Намуди алоқаи телефонӣ, ки дар он нутқи суҳбаткунандагон бо ёрии рамзҳо ба якдигар фиристода мешавад.

**ВОЛА́Н**, [< фр. volant]. **1**. Тӯбчаи сабуки пардор барои бадминтонбозӣ. **2**. Худи бадминтонбозӣ. **3**. Чин-чини (пар-пари) либоси занон.

**ВОЛАПЮ́К**, [таҳрифшудаи англ. world ҷаҳон + speak гуфтан]. *збш*. **1**. Забони сунъии байналхалқӣ, ки соли 1880 Иоҳанн Шлейер ихтироъ намуд, вале маъмул нагардид. || Мқс. эсперанто. **2**. *маҷ*. Суханҳои пучу бемаъно. || Мқс. абракадабра.

**ВОЛД ВАЙД ВЕБ**, [англ. world wide web]. Тори анкабути умумиҷаҳонӣ; Интернет дар назар аст.

**ВОЛЕЙБО́Л**, [англ. volley-ball]. Бозии варзишии ду дастаи 6-нафарӣ; ҳар як даста кӯшиш мекунад, ки тӯбро бо зарбаи даст аз болои тӯр ба тарафи ҳариф партояд ва тӯб дар майдончаи ҳариф ба фарш (замин) расад.

**ВОЛЛАСТОНИ́Т**, [англ. wollastonite]. *маъд*. Тахташпат; минерале аз зерсинфи силикатҳо; силикати калсий; барои тайёр кардани масолеҳи овозногузар ва гарминогузар истифода мешавад.

**ВОЛОНТЁ́Р**, [фр. volontaire]. **1**. Ихтиёрӣ; шахсе, ки бо ихтиёри худ ба хизмати ҳарбӣ рафтааст. **2**. Корманди ихтиёрии хадамоти наҷотбахш, ташкилотҳои *гуманитарӣ* ва экологӣ; корманди ихтиёрӣ (ғайриштатӣ), ки дар чорабиниҳои муассисаҳо, барномаҳо ва лоиҳаҳо барои иҷрои вазифаҳои гуногун сафарбар карда мешавад (асосан аз ҳисоби ҷавонон).

**ВО́ЛОСТ (ВО́ЛОСТЬ)**, [рус. < власть ҳокимият]. Дар Руссияи тоинқилобӣ ва дар СССР (то солҳои 1929-30) – воҳиди маъмурии ҳудудӣ, ки ба ҳайати *уезд* дохил мешуд. || Мқс. уезд.

**ВО́ЛВО (ВО́ЛЬВО)**, [шв. Volvo]. **1**. Ширкати автомобилбарории Шветсия. **2**. Автомобиле, ки ин ширкат истеҳсол кардааст.

**ВОЛЙЕ́Р (ВОЛЬЕ́Р)**, [фр. voliere]. Майдончаи тӯрноки назди қафаси ҳайвонот.

**ВОЛТ (ВОЛЬТ)[1]**, [ит. volta – аз номи физики машҳури Италия Алессандро Волта (1745-1827)]. *физ*. Воҳиди асосии шиддати электр дар Системаи байналхалқии воҳидҳо (СИ).

**ВОЛТ (ВОЛЬТ)**[2], [фр. volte гардиш]. **1**. Дар аспрез (манеж) давр задани асп ба рост ё чап. **2**. Дар шамшербозӣ – аз ҳамлаи ҳариф худро канор гирифтан.

**ВО́ЛТА (ВО́ЛЬТА)**, [ит. volta]. **1**. *мус*. Дар нотанависӣ – дар қавсайн бо рақамҳо ишора намудан ба такрори ин ё он қисми асари мусиқӣ бо хотимаи дигар. **2**. Як навъ матои нафиси пахтагӣ.

**ВОЛТ-АМПЕ́Р (ВОЛЬТ-АМПЕ́Р)**, [*волт* + *ампер*]. *физ*. Дар Системаи байналхалқии воҳидҳо (СИ) – воҳиди тавоноии пурраи занҷири электрикии ҷараёни тағйирёбанда.

**ВОЛТЕРИЯ́ (ВОЛЬТЕРИЯ́),** [< фр. Voltaire]. Дар нимаи дуюми асри 18 ва ибтидои асри 19 – маҷмуи равияҳои пешқадами маорифпарварӣ ва озодфикрии динӣ; В. бо ному фаъолияти нависандаи машҳури Фаронса, файласуфи маорифпарвар, деист, душмани калисо ва сохти феодалӣ Волтер (1694 – 1778) алоқаманд аст.

**ВОЛТИЖЁР (ВОЛЬТИЖЁР)**, [< фр. voltiger рақсидан дар болои дор]. Асптози чобуку моҳир; артисти сирк, мутахассиси волтижировка; *эквилибрист* низ гӯянд.

**ВОЛТИЖИРО́ВКА (ВОЛЬТИЖИРО́ВКА), ВОЛТИ́Ж (ВОЛЬТИ́Ж)**, [< фр. voltiger рақсидан дар болои дор]. **1**. Иҷрои ҳар гуна рақсу машқҳо дар болои аспи дартоз. **2**. Намуди *акробатика* ва *гимнастика* дар сирк бо унсурҳои муаллақзанӣ дар ҳаво, ҷаҳидан аз як *трапетсия* ба трапетсияи дигар ва ғ.

**ВОЛТМЕ́ТР (ВОЛЬТМЕ́ТР)**, [< волт + …метр]. *физ*. Асбоб барои чен кардани шиддати ҷараёни электр.

**ВОЛФРА́М (ВОЛЬФРА́М)**, [лот. Wolframium < ол. Wolf гург + Rahm саршир]. *хим*. Элементи химиявӣ; металли сахти душворгудоз, ки ранги хокистарӣ дорад; барои истеҳсоли пӯлоди махсус, дар электротехника, радиотехника ва соҳаҳои дигари саноат истифода мешавад.

**ВОЛФРАМИ́Т (ВОЛЬФРАМИ́Т)**, [< *волфрам*]. *маъд*. Минерале, ки дар таркибаш волфрамати оҳан ва марганетс, инчунин омехтаҳои магний, ниобий, тантал ва руҳ дорад; аз В. асосан волфрам мегиранд.

**ВОЛЮМОРЕТСЕ́ПТОРҲО (ВОЛЮМОРЕЦЕ́ПТОРҲО)**, [фр. volume ҳаҷм + …*ретсепторҳо*]. Анҷомаҳои ҳассоси асаб дар узвҳо ва рагҳои хунгард, ки ба кашишхӯрии деворҳои онҳо вокуниш нишон медиҳанд.

**ВОЛЮНТАРИ́ЗМ**, [< лот. voluntas ирода]. **1**. *фалс*. Ҷараёни фалсафии идеалистӣ, ки иродаро қувваи асосии инкишофи ҳастӣ мешуморад ва қонунияти объективиро дар табиат ва ҷамъият рад мекунад. **2**. *психол*. Таълимоти бардурӯғе, ки иродаро омили асосии ҳаёти рӯҳӣ медонад ва нақши хирадро паст мезанад.

**ВО́НА**, [кор.]. Воҳиди пули Ҷумҳурии Халқии Демократии Корея ва Кореяи Ҷанубӣ, ки ба 100 чон баробар аст.

**ВОРД**, [англ. Word]. Маҷмуи барномаҳои компютерии ширкати «Майкрософт» барои таълиф, таҳрир ва тасҳеҳи матнҳо, ҷадвалҳо, суратҳо.

**ВО́ТУМ**, [< лот. votum майл, хоҳиш]. Қарор ё ақидае, ки бо роҳи овоздиҳӣ қабул шудааст; В.-и боварӣ ё В.-и нобоварӣ – фаъолияти ҳукумат, вазир ва ғ.-ро бо роҳи овоздиҳӣ маъқул донистан ё маъқул надонистани парламент.

**ВОЯ́Ж**, [фр. voyage]. Сайр, саёҳат.

**ВУА́Л (ВУА́ЛЬ)**, [фр. voile]. **1**. Никоби тӯрӣ; тӯрпардаи нимшаффоф ва нафиси қисми пеши кулоҳи занона, ки рӯйиро мепӯшонад. **2**. Гарданбанди дарози шоҳӣ, ки рӯҳониёни католикӣ дар вақти дуо додан ва ибодат кардан ба китфашон мепартоянд. **3**. Матои ҳарири шаффоф.

**ВУ́ЛВА (ВУ́ЛЬВА)**, [лот. vulva]. *анат.* Фарҷ; узви таносули берунии зан. || Мқс. вагина.

**ВУЛВИ́Т (ВУЛЬВИ́Т)**, [лот. vulvitis]. *тиб.* Газаки узвҳои таносули берунӣ ва маҳбал; бештар дар духтарчаҳо ва занҳои солхӯрда дучор мешавад; аломатҳои В.: хориши фарҷ, ҳисси дард, хусусан ҳангоми роҳ гаштан, сурх шудани пӯсти узвҳои таносул, пардаи бакорат, баъзан сатҳи дарунии рон ва сурини зан.

**ВУЛВОВАГИНИ́Т (ВУЛЬВОВАГИНИ́Т)**, [вулва + лот. vagina маҳбал]. *тиб.* Илтиҳоби маҳбал ва узвҳои таносули берунӣ бо таъсири микробҳои бемориовар.

**ВУЛГАРИЗА́ЦИЯ (ВУЛЬГАРИЗА́ТСИЯ)**, [< лот. vulgaris сода]. Хеле содалавҳона маънидод кардани ин ё он ақида ё таълимот, таҳрифи моҳияти он; муносибати рӯякӣ ба коре.

**ВУЛГАРИ́ЗМ (ВУЛЬГАРИ́ЗМ)**, [< лот. vulgaris сода]. *збш.* Калимаю ибораҳои дағале, ки ба хазинаи забони адабӣ дохил нашудаанд.

**ВУЛГАРӢ (ВУЛЬГАРӢ)**, [< лот. vulgaris сода]. Дағал, бемаънӣ, аз одоб берун; м а т е р и а л и з м и в у л г а р ӣ – ҷараёни фалсафие, ки солҳои 50-60-уми асри 19 дар Олмон ба вуҷуд омадааст; пайравони он ҷаҳонфаҳмии материалистиро хеле сода ва сатҳӣ маънидод мекарданд; хусусияти шуурро, ки моҳиятан ҳодисаи ҷамъиятист, бо материя баробар ва монанд медонистанд; мас., онҳо мегуфтанд: чи тавре ки ҷигар зарда ҷудо мекунад, мағзи сари одам ҳам фикр ҷудо мекунад; Ф. Энгелс дар «Анти-Дюринг» ин ақидаи материалистони вулгариро сахт танқид кардааст; с о т с и о л о г и я и в у л г а р ӣ – тафсири сатҳию содаи шаклҳои шуури ҷамъиятӣ (хусусан, фалсафа, адабиёт, санъат).

**ВУЛКАНОЛО́ГИЯ**, [< *вулқон*]. Вулқоншиносӣ; илме, ки сохт, хусусиятҳо ва сабабҳои пайдошавии вулқонҳо, қонуниятҳои ҷойгиршавии онҳо дар сатҳи Замин, инчунин таркиби афкандаҳои вулқониро таҳқиқ менамояд.

**ВУЛҚО́Н (ВУЛКА́Н)**, [лот. Vulcanus Оташ, Аланга]. **1**. Дар асотири румиёни қадим – худои оташ ва пуштибони оҳангарон. **2**. *геол.* Кӯҳи конусшакле, ки дар қуллааш танӯра дорад ва аз он гоҳ-гоҳ оташ, тафта, хокистари сӯзон ва шикастапораҳои ҷинсҳои кӯҳии қаъри замин фаввора мезананд; В.-ҳоро ба фаъол, хуфта ва хомӯшшуда ҷудо мекунанд.

**ВУЛҚОНИЗА́Т (ВУЛКАНИЗА́Т)**, [< *вулқон*]. Ниг. *резина.*

**ВУЛҚОНИ́ТҲО (ВУЛКАНИ́ТҲО)**, [< *вулқон*]. *маъд., геол.* Ҷинсҳои кӯҳии вулқонӣ; ҷинсҳои кӯҳие, ки дар натиҷаи фаввразании вулқонҳо пайдо шудаанд, аз қабили: базалт, андезит, трахит, липарит ва ғ.

**ВУЛҚОНӢ (ВУЛКАНӢ)**, [< *вулқон*]. *маъд., геол.* Мансуб ба вулқон; г а з ҳ о и В. – газҳое, ки вулқонҳо чи дар вақти фавворазанӣ ва чи дар вақти фаъолияти хомӯшонаашон ҷудо мекунанд; дар таркибашон сулфид, оксидҳои карбон, хлорид ва фториди гидроген доранд.

**ВУЛФЕНИ́Т (ВУЛЬФЕНИ́Т)**, [англ. wulfenite]. *маъд.* Минерале, ки таркибаш аз молибдати сурб $Pb[MoO_4]$ ва омехтаҳои ванадий, волфрам, калсий, уран ва элементҳои нодири дигар иборат аст; аз В. асосан сурб ҳосил мекунанд.

**ВУНДЕРКИ́НД**, [ол. Wunderkind]. Кӯдаке, ки қобилияту истеъдоди фавқулода дорад.

**ВЭ́НИ, ВИ́ДИ, ВИ́СИ**, [лот. veni, vidi, vici]. Омадам, дидам, ғалаба кардам (хабари Юлий Сезар ба сенат дар бораи ғалаба бар шоҳи Понт).

# Г

**ГАБАРДИ́Н,** [фр. gabardine]. Матои ғафси пашмин, нимпашмин ё пахтагини дорои раҳҳои майдаи уреб, ки аз он асосан костюм ва палто медӯзанд.

**ГАБАРИ́Т**, [фр. gabarit андоза]. **1**. Андоза; ҳаҷм. **2**. *гуфт.* Чароғакҳои чор тарафи воситаи нақлиёт, ки ҳаҷми онро нишон медиҳанд.

**ГА́ББРО**, [ит. gabbro]. *геол.* Ҷинси кӯҳии тафтагии сиёҳранг, ки асосан аз *плагиоклаз* ва *пироксенҳо* иборат аст; ба сифати масолеҳи сохтмон истифода мешавад. || Мқс. базалт, грейзен.

**ГАБИО́Н**, [фр. gabion]. Тӯрхалтаи симини бо санг ё шағал пур кардашуда, ки барои мустаҳкам намудани соҳилҳо истифода мешавад.

**ГА́БИТУС**, [лот. habitus]. Шамоил, намуди зоҳирии одам, ҳайвон, растанӣ ва ғ.

**ГАВИА́Л**, [ҳинд. gharviyal]. *зоол.* Тимсоҳи фӯкдарозе, ки дар дарёҳои Ҳиндустон зиндагӣ мекунад; дарозиаш то 6,6 м; дар дини ҳиндуия ҳайвони муқаддас ҳисоб мешавад.

**ГАВО́Т**, [фр. gavotte]. Як навъ рақси қадимии франсавӣ.

**ГАГА́Т**, [< юн. gagates каҳрабои сиёҳ]. Як навъ ангиштсанги ҷилодори чандир, ки аз *битум* бой аст; ба осонӣ суфта мешавад; чун санги ороишӣ ба кор мебаранд.

**ГА́ДЕС**, [юн. Haides]. Дар асотири юнониёни қадим – худои олами зеризаминӣ ва мурдагон.

**ГА́ДЖЕТ**, [англ. gadget]. Ҳама гуна асбоб ё олати хурди электронӣ, ки барои хуш гузарондани вақт, осон кардани кору ҳаёти одам хизмат мекунад, аз қабили телефони мобилӣ, *планшет, плеер, нетбук*, соати электронии дорои навигатор ва ғ.

**ГАДЖЕТОМА́Н**, [< англ. gadget + *...мания*]. Шахсе, ки ба *гаджетҳо* шавқу ҳаваси беандоза дорад; ошиқи *гаджет*; гаджетбоз.

**ГАДЖЕТОМА́НИЯ**, [< англ. gadget + *...мания*]. Шавқу ҳаваси беандоза ба *гаджет.*

**ГАДОЛИ́НИЙ**, [лот. Gadolinium]. *хим.* Элементи химиявӣ аз оилаи *лантаноидҳо*, рамзаш Gd, металл; дар реакторҳои ядроӣ, хӯлаҳои магнитӣ, *люминофорҳо* истифода мешавад.

**ГАДРОЗА́ВР**, [< юн. hadros калон + *…завр*]. *пал.* Калонтарин динозаври (*орнитоподи*) дупои растанихӯр (баландии қадаш то 12 м); номи дигараш – динозаври мурғобибинӣ; дар давраи табошир дар кӯлҳо зиндагӣ мекард.

**ГА́ЕР**, [< фр. gaillard шӯх]. *кӯҳна.* Масхарабоз дар хонаи ашроф.

**ГАЗ**[1], [фр. gaz < лот. chaos бесомонӣ, парешонӣ, харҷу марҷ; дар асри 17 олими ҳолландӣ Я.Б.Ҳелмонт ба сифати истилоҳ ба илм дохил кардааст]. **1**. Ҳолати агрегатии модда, ки дар он энергияи кинетикии ҳаракати ҳароратии зарраҳои он (молекулаҳо, атомҳо, ионҳо) аз энергияи таъсири байни ҳамдигарии онҳо хеле зиёд аст ва аз ҳамин сабаб зарраҳо озодона ҳаракат намуда, фазои барояшон дастрасро пур мекунанд; г а з и  и д е а л ӣ – газе, ки дар он ҳамтаъсирии байни зарраҳо вуҷуд надорад, газе, ки ба қонунҳои Бойл – Мариотт – Гей-Люссак мувофиқат мекунад. **2**. Сӯзишвории газмонанд, ки барои сӯхтан, равшан ва гарм кардан истифода мешавад, мас., *пропан*; г а з и  т а б и ӣ – гази аз кон истихроҷшуда. **3**. *гуфт.* Г а з  д о д а н // г а з р о  з е р  к а р д а н – миқдори гардиши муҳаррикро зиёд карда, суръати гашти мошинро тезондан.

**ГАЗ**[2], [фр. gaze]. Дебо; як навъ матои тунуки абрешимӣ.

**ГАЗГО́ЛДЕР (ГАЗГО́ЛЬДЕР)**, [англ. gasholder < *газ*[1] + to hold ҷойгир кардан, гунҷондан]. Иншоот барои қабул кардан, нигоҳ доштан ва сар додани газ[1] ба шабакаи газопроводҳо; гунҷоишаш то 100 ҳаз. метри мукааб.

**ГАЗЕ́ТА**, [ит. gazzetta < gazeta – тангаи қадимаи Венетсия, ки бо он рӯзнома харидан мумкин буд]. Рӯзнома (ҳафтанома); нашрияи чопии даврӣ, ки дар он воқеаҳои ҳаррӯзаи иҷтимоию сиёсӣ инъикос карда мешавад; яке аз воситаҳои асосии ахбори омма (ВАО) ба шумор меравад.

**ГАЗИФИКА́ТСИЯ (ГАЗИФИКА́ЦИЯ)**, [< *газ*[1] + *...фикатсия*]. **1**. Зиёд намудани миқдори газ дар таркиби моддаҳо. **2**. Ба сӯзишвории газӣ табдил додани сӯзишвории сахт, мас., ангишт, торф ва ғ.; г а з и ф и к а т с и я и  з е р и з а м и н ӣ – қабатҳои ангиштсангро бевосита дар ҷояшон (дар зери замин) ба газ табдил дода, ба рӯи замин баровардан ва ҳамчун сӯзишворӣ истифода бурдан. **3**. Ба сӯзишвории газӣ

гузарондани марказҳои гармидиҳӣ, дегхонаҳо, биноҳои истиқоматӣ ва ҷамъиятӣ, корхонаҳои саноатӣ ва ғ.

**ГАЗЛИ́ФТ**, [< *газ*[1] + англ. lift бардоштан]. Дастгоҳ барои боло бардоштани ҳар гуна моеот ба воситаи газ ё ҳавои фишурда. || Мқс. эрлифт.

**ГАЗО**…, [< *газ*[1]]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки ба газ муносибат доштани он калимаҳоро ифода мекунад, мас., *газометр, газопровод*.

**ГАЗОАНАЛИЗА́ТОР**, [< *газ*[1] + *анализатор*]. *тех*. Газтаҳлилкунак; асбоб барои муайян кардани таркиб, сифат миқдор ва дигар хусусиятҳои газ; дар саноат, тиб ва тадқиқоти илмӣ истифода мешавад.

**ГАЗОБЕТО́Н**, [< *газ*[1] + *бетон*]. Бетони сабуки серсӯрох (ковок), ки бо роҳи ҳамроҳ намудани моддаҳои газҷудокунанда (алюминии хока, руҳ, магний ва ғ.) ба хамираи сементу оҳак ҳосил карда мешавад; чун масолеҳи сохтмон ба кор меравад.

**ГАЗОГЕНЕРА́ТОР**, [< *газ*[1] + *генератор*]. Дастгоҳ барои ба газ табдил додани сӯзишвории сахт (ангиштсанг, кокс, торф, ҳезум ва ғ.). || Мқс. газификатсия.

**ГАЗО́ЙЛ (ГАЗО́ЙЛЬ)**, [< *газ*[1] + англ. oil равған]. Омехтаи карбогидридҳо – маҳсули софкории нафт; ба сифати сӯзишвории дизелҳо истифода мешавад.

**ГАЗОКОНДЕНСА́Т**, [< *газ*[1] + *конденсат*]. *Конденсати* газ; омехтаи карбогидридҳои моеъ, ки чун сӯзишворӣ барои муҳаррикҳо, инчунин дар саноати химия истифода мешавад.

**ГАЗОЛИ́Н**, [< *газ*[1] + лот. oleum равған]. Моеи сӯзанда, маҳсули софкории нафт, ки чун сӯзишворӣ барои муҳаррикҳои дарунсӯз истифода мешавад.

**ГАЗО́МЕТР**, [< *газ*[1] + *…метр*]. Газсанҷ; асбоб барои ғун кардан, нигоҳ доштан ва чен кардани газҳои гуногун.

**ГАЗО́Н**, [фр. gazon]. Сабзазор, сабзамайдон; алафзори қайчзадаи боғҳо, гулгаштҳо, хиёбонҳо.

**ГАЗОПРО́ВОД**, [< *газ*[1] + рус. проводить гузарондан]. Газлӯла; маҷмуи иншооту қубурҳо барои аз манбаи газ ба маҳалҳо ҷорӣ намудани сӯзишвории газ.

**ГАЗОТРО́Н**, [< *газ*[1] + *(элек)трон*]. *тех*. Асбоби электровакуумии ионии дуэлектродаи газнок, ки барои ба ҷараёни электрии доимӣ табдил додани ҷараёни тағйирёбанда хизмат мекунад.

**ГА́ЙДА**, [англ. hide]. Воҳиди майдони замин, ки тақрибан ба 120 акр баробар аст.

**ГАЙДАМА́КҲО**, [< турк. ҳайдамоқ – рондан]. *таър*. **1**. Шӯришгарони украинӣ дар асри 18, ки асосан аз деҳқонони казак иборат буда, яҳудиёну полякҳоро қатлу ғорат мекарданд; соли 1768 аз ҷониби қушунҳои русу поляк торумор карда шуданд. **2**. Дар давраи ҷанги граждании солҳои 1917 – 1919 қӯшунҳои Радаи Марказӣ, дастаҳои ғоратгари Петлюра ва Скоропадский, ки аҳолии яҳудии Украинаро (такр. 300 ҳаз. яҳудиро) қир карда буданд; аз тарафи Армияи Сурх маҳв карда шуданд.

**ГАЙД-ЛАЙН**, [англ. guideline]. Маҷмуи стандарту дастурамалҳое, ки ҳамаи ҷанбаҳои таҳия ва истифодаи брендро (ниг. *бренд*) танзим менамоянд.

**ГАЙД-ПАРК**, [англ. guidepark]. Боғе, ки дар он чорабиниҳои сиёсӣ, ҷамъомадҳо, ҳамоишҳо, маҷлисҳо баргузор мешаванд.

**ГАЙДТРО́П**, [англ. guide rope]. Таноби дарози ғафс, ки ҳангоми ба замин шинондани *дирижаблҳо, аэростатҳо, стратостатҳо* истифода мешавад.

**ГАЙДУ́КҲО, ҲАЙДУ́КҲО**, [< маҷор. hajduk аскари савора]. *таър*. **1**. Дар байни славянҳо, молдовиҳо, валахҳо, маҷорҳо – иштирокчиёни муборизаҳои мусаллаҳона бар зидди истилогарони турк дар асрҳои 15 – 19. **2**. Дар баъзе мамлакатҳо – хизматгори савора дар хонаи сарватмандон.

**ГА́ЙКА**, [рус.]. *тех*. Ҳалқаи аз дарун печдор ва аз берун бисёрпаҳлӯ, ки онро бо калид тоб дода, қисмҳои мошину дастгоҳҳоро бо ҳам пайваст мекунанд.

**ГАЙМОРИ́Т**, [англ. Highmore – аз номи духтур ва анатоми англис Гаймор]. *тиб*. Варами луобпардаи ҷавфи ҷоғи боло; Г. дар натиҷаи *ринити* шадид, грипп, сурхакон, махмалак ва бемориҳои дигари ирсӣ, инчунин бемориҳои дандон пайдо мешавад.

**ГАЙМОРОГРА́ФИЯ**, [лот. highmorographia]. *тиб*. Тадқиқи рентгении ҷавфҳои иловагии бинӣ.

**ГАЙМОРОТО́МИЯ**, [лот. highmorotomia]. *тиб*. Бо мақсади тадқиқ, муоина ё муолиҷа чок кардани ҷавфи рухсора.

**ГА́ЙНЕР**, [англ. gainer]. Ниг. *гейнер*.

**ГАЙО́ТҲО**, [англ. guyot]. Кӯҳҳои вулқонии ҳамворқуллаи зериобӣ, ки дар қисми шимолии уқёнуси Ором дучор мешаванд.

**ГАК**, [ҳол. haak]. Чангаки пӯлодини киштӣ барои боло бардоштани борҳо ва овехта мондани завракҳо.

**ГАКАБО́РТ**, [ҳол. haakebort]. Қисми болоии думи киштӣ.

**ГАЛ**, [аз номи физик ва астрономи италиёвӣ Галилео Галилей (1564 – 1642)]. *физ*. Воҳиди шитоб, ки ба 1 см/с$^2$ баробар аст.

**ГАЛА́**, [фр. gala]. **1**. Дар асрҳои 17 – 18 иди тантанавии дарборӣ. **2**. Якҷоя бо исм ва нимтире – намоиши мутантан, бошукӯҳ, шавқовар ва ҷолиби идона, мас., гала-консерт, гала-фестивал.

**ГАЛАКТЕМИ́Я**, [лот. galactaemia]. *тиб., физиол*. Вуҷуд доштани шир дар хун.

**ГАЛАКТИДРО́З**, [лот. galactidrosis]. *тиб., физиол*. Арақширӣ; бо арақ баромадани шир.

**ГАЛА́КТИКА**, [< юн. galaktikos ширмонанд]. *астр*. **1**. Низоми ситораҳои мо (Роҳи Каҳкашон), ки ба он садҳо миллиард ситора, аз он ҷумла Офтоб бо тамоми сайёраҳо дохил мешаванд. **2**. Умуман, низоми ситораҳое, ки аз ситораҳои сершумор, моддаи

байни ситораҳо, нурҳои кайҳонӣ, майдони магнитӣ, *фотонҳо* иборат аст; галактикаҳои ба мо наздиктарин – Абрҳои магелланӣ ва Туманпораҳои Андромеда.

**ГАЛАКТИКӢ**, [< *галактика*]. **1**. *астр*. Мансуб ба галактика; с о л и  г а л а к т и к ӣ – фосилаи вақт (тақр. 230 млн сол), ки дар давоми он Низоми Офтобӣ дар гирди маркази галактика як маротиба давр мезанад. **2**. *маҷ*. Ниҳоят азим, бузург, беканор.

**ГАЛАКТИ́Н**, [лот. galactinum]. *тиб., физиол*. Гормони қисми пеши гипофиз, ки ширро зиёд мекунад.

**ГАЛАКТИСХИ́Я**, [лот. galactischia]. *тиб., физиол*. Боздоштани ҷудошавии шир.

**ГАЛАКТОБЛА́СТ**, [лот. galactoblastis]. *тиб., анат*. Ҷисмчаи фаллаовари ғадуди шир.

**ГАЛАКТОВАЛДЕНА́ЗА (ГАЛАКТОВАЛЬДЕНА́ЗА)**, [лот. galactobaldenasa]. *тиб., физиол*. Ферменте, ки галактозаро ба глюкоза мубаддал мекунад.

**ГАЛАКТОГЕ́Н**, [лот. galactogenes]. *тиб., физиол*. Ширзо; ҳосилкунандаи шир.

**ГАЛАКТОГО́Г**, [лот. galactogogus]. *тиб., хим., физиол*. Ширрон; моддае, ки ҷудошавии ширро метезонад.

**ГАЛАКТО́З**, [лот. galactosis]. *тиб., физиол*. Дар пистон ҳосил шудани шир.

**ГАЛАКТО́ЗА**, [< юн. gala шир]. *хим*. Навъе аз моносахаридҳо, қисми таркибии қанди шир (*лактоза*). || Мқс. глюкоза, фруктоза.

**ГАЛАКТОЗЕМИ́Я**, [лот. galactosaemia]. *тиб., физиол*. Дар хун пайдо шудани *галактоза*.

**ГАЛАКТОЗИДА́ЗА**, [лот. galactosidasae]. *тиб., физиол*. Ферментҳое, ки *лактоза*, *аллолактоза*, лактозаҳои ҳосилаи уреидро ҳал ва *гетеролактозаро* зуд таҷзия менамоянд.

**ГАЛАКТОЗУРИ́Я**, [лот. galactosuria]. *тиб., физиол*. Бо пешоб хориҷ шудани *галактоза*.

**ГАЛАКТОМЕ́ТР**, [< юн. gala шир + …*метр*]. Асбоб барои муайян кардани сифат ва вазни қиёсии шир.

**ГАЛАКТОПЕКСИ́Я**, [лот. galactopexia]. *тиб., физиол*. Галактозаро боздоштани ҷигар.

**ГАЛАКТОПИ́РА**, [лот. galactopyra]. *тиб.* Таби ширзод; табе, ки дар натиҷаи рукуди шири пистон рӯй медиҳад.

**ГАЛАКТОПЛАНИ́Я**, [лот. galactoplania]. *тиб., физиол*. Дар ҷойҳои ғайримуқаррарӣ ҳосил шудани шир.

**ГАЛАКТОПОЗИ́Я**, [лот. galactoposia]. *тиб.*Ширдармонӣ; бо шир ё ғизоҳои ширӣ муолиҷа намудани беморӣ.

**ГАЛАКТОПО́ЭЗ**, [лот. galactopoiesis]. *тиб., физиол*. Ҳосил шудани шир дар пистон.

**ГАЛАКТОРЕЯ́**, [лот. galactorrhoea]. *тиб., физиол.* Серширӣ; бисёр ҷудо шудани шири пистон.

**ГАЛАКТОСТА́З**, [лот. galactostasis]. *тиб., физиол.* Наёмадани шири пистон.

**ГАЛАТОТЕРАПИЯ́**, [лот. galactotherapia]. *тиб.* Ниг. *галактопозия.*

**ГАЛАКТОФОРИ́Т**, [лот. galactophoritis]. *тиб.* Варами маҷрои ғадуди шир.

**ГАЛАКТУРИЯ́**, [лот. galacturia]. *тиб., физиол.* Пешоби ширмонанд; пешобе, ки равған, сафеда ва зардоби бисёр дорад.

**ГАЛАНТЕРЕЯ́**, [< фр. galanterie хушмуомилагӣ, меҳрубонӣ]. Чарчинворӣ; номи умумии тиҷоратии ашёи хурди бисоти шахсӣ ва ҷиҳози ороишӣ (оина, шона, тугма, сумка, тасма, галстук, ҳамён ва ғ.).

**ГАЛА́НТУС**, [< фр. galant]. *бот.* Сияҳгӯш; гули баҳман.

**ГАЛАТЕЯ́**, [юн. Galateia]. **1**. Дар асотири юнониёни қадим – муҷассамаи духтари соҳибҷамоле, ки Пигмалион сохта, худ ба он ошиқ шуда буд; бо хоҳиши ӯ Афродита ба муҷассама ҷон мебахшад ва Пигмалион аз вай духтардор мешавад. **2**. *астр.* Радифи Нептун, ки қутраш такр. 160 км аст.

**ГАЛАХА́**, [< ҳинд. қад.]. Дар дини яҳудиён – маҷмуи қонунҳое, ки дар асоси ҳадисҳо, қоидаҳо ва дастуру нишондодҳои талмуд навишта шудаанд; мас., мувофиқи Г., шахсе яҳудӣ дониста мешавад, ки аз яҳудизан ба дунё омадааст.

**ГАЛВАНИЗА́ТСИЯ (ГАЛЬВАНИЗА́ЦИЯ)**, [< ит. Galvani – аз номи олими италиявӣ Л. Галвани]. **1**. Табобати баъзе бемориҳо (радикулит, плексит, неврит ва дигар бемориҳои системаи канории асаб) бо ҷараёнии доимии электр. **2**. Рӯйкаш кардани сатҳи металл бо ёрии *электролиз.*

**ГАЛВАНӢ (ГАЛЬВАНӢ)**, [< ит. Galvani]. Мансуб ба ҷараёни доимии электр; батареяи галванӣ – пайваст намудани якчанд элементи Г. барои ҳосил намудани ҷараёни электр; рӯйкаши галванӣ – пардаи металлие, ки барои муҳофизат аз зангзанӣ, ороиш ё бо мақсадҳои диг. бо ёрии *электролиз* ба рӯйи маснуоти металлӣ кашида мешавад.

**ГАЛВАНО... (ГАЛЬВАНО...)**, [< ит. Galvani]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки ба ҷараёни доимии электр муносибат доштани он калимаҳоро ифода мекунад, мас., *галванометр.*

**ГАЛВАНОДИАТЕРМИЯ́ (ГАЛЬВАНОДИАТЕРМИЯ́)**, [< *галвано...* + *диа...* + юн. thereme гармӣ]. *тиб.* Якҷоя истифода бурдани *диатермия* ва *галванизатсия* барои табобати баъзе бемориҳо.

**ГАЛВАНОИНДУКТОТЕРМИЯ́ (ГАЛЬВАНОИНДУКТОТЕРМИЯ́)**, [< *галвано...* + *индуксия...* + юн. thereme гармӣ]. *тиб.* Якҷоя истифода бурдани *индуктотермия* ва *галванизатсия* барои табобати баъзе бемориҳо.

**ГАЛВАНОИОНОТЕРАПИ́Я (ГАЛЬВАНОИОНОТЕРАПИ́Я)**, [< *галвано…* + *ионҳо…* + юн. thereme гармӣ]. *тиб.* Ба организм ворид намудани доруҳо тавассути ҷараёни доимии электр; *электрофорези* доруӣ низ гӯянд.

**ГАЛВАНОКА́УСТИКА (ГАЛЬВАНОКА́УСТИКА)**, [< *галвано…* + юн. kaustikos сӯзон, тунд]. **1**. Дар рӯйи металл нақш кунондани расм бо ёрии ҷараёни доимии электр. **2**. *тиб.* Сӯзондани (доғ кардани) бофтаҳо бо ёрии *галванокаутерҳои* тасфон (мас., ҳангоми табобати озаххо); *галванотермия* низ гӯянд.

**ГАЛВАНОКА́УТЕР (ГАЛЬВАНОКА́УТЕР)**, [< *галвано…* + юн. kaustikos сӯзон, тунд]. *тиб.* Асбобе, ки нӯгаш бо ҷараёни барқ тасфонда мешавад ва бо он ҳар гуна захму озахҳоро сӯзонда нест мекунанд.

**ГАЛВАНО́МЕТР (ГАЛЬВАНО́МЕТР)**, [< *галвано…* + *…метр*]. Асбоби дақиқ барои чен кардани шиддати паст ва ҷараёни сусти электр.

**ГАЛВАНОПЛА́СТИКА (ГАЛЬВАНОПЛА́СТИКА)**, [< *галвано…* + *…пластика*]. *тех.* Бардоштани нусхаи металлӣ аз нусхаи асли металлӣ ё ғайри металлӣ бо ёрии *электролиз.* || Мқс. галванстегия.

**ГАЛВАНОСКО́П (ГАЛЬВАНОСКО́П)**, [< *галвано…* + *…скоп*]. Асбоб барои ошкор намудани қувваи ками ҷараёни доимии электр ва самти ҳаракати он дар занҷири электрӣ. || Мқс. галванометр.

**ГАЛВАНОСТЕ́ГИЯ (ГАЛЬВАНОСТЕ́ГИЯ)**, [< *галвано…* + юн. stege рӯйкаш]. Бо пардаи тунуки филизӣ (оҳан, тилло, нуқра, никел, хром ва ғ.) рӯйкаш намудани маснуот; филизандуд кардани маснуот.

**ГАЛВАНОТА́КСИС (ГАЛЬВАНОТА́КСИС)**, [< *галвано…* + *…таксис*]. *биол.* Ҳаракати *микроорганизмҳо*, растаниҳо ва ҳайвонот дар моеъ бо таъсири ҷараёни электре, ки аз моеъ мегузарад.

**ГАЛВАНОТЕРМИ́Я (ГАЛЬВАНОТЕРМИ́Я)**, [< *галвано…* + юн. thereme гармӣ]. *тиб.* Сӯзондани (доғ кардани) бофтаҳои зинда бо мақсади табобат; *галванокаустика* низ гӯянд.

**ГАЛВАНОТЕ́ХНИКА (ГАЛЬВАНОТЕ́ХНИКА)**, [< *галвано…* + *…техника*]. Соҳаи электрохимияи амалӣ, ки масъалаҳои таҳшиншавии электролитии металлҳо, ба рӯйи маснуоти металлӣ ва ғайриметаллӣ нишастани намаки металлҳоро меомӯзад.

**ГАЛВАНОТРОПИ́ЗМ (ГАЛЬВАНОТРОПИ́ЗМ)**, [< *галвано…* + *…тропизм*]. *биол.* Вокуниши узвҳои растанӣ ба таъсири ҷараёни электр, ки аз муҳити атрофи растаниҳо мегузарад (мас., решаи растанӣ ба тарафи *анод* ё *катод* майл мекунад).

**ГАЛЕ́ГА**, [лот. galega]. *бот.* Як навъ растании бисёрсола аз оилаи лӯбиёгиҳо; баъзе намудҳои онро барои хӯроки чорво истифода мебаранд.

**ГАЛЕНИ́Т**, [лот. galena]. *маъд.* Минерале, ки таркибаш аз сулфиди руҳ ва омехтаҳои нукра, селен ва ғ. иборат аст.

**ГАЛЕ́РА**, [ит. galera]. **1**. *таър*. Киштии ҳарбии қадима, ки ба воситаи белҳои сершумор (то 32 бел) меронданд; дарозиаш то 60 м., паҳниаш то 7,5 м.; белзанон асосан ғуломон, асирон ва ҷинояткорони бадарғашуда буданд. **2**. *маҷ*. Бадарға. || Мқс. каторга.

**ГАЛЕРЕ́Я**, [фр. galerie]. **1**. Тим; айвон ё роҳрави болопӯшидаи тангу дароз, ки қисмҳои ҷудогонаи биноро бо ҳам мепайвандад. **2**. Роҳрави зеризаминӣ, ки истеҳкомҳои ҷудогонаи қалъа ё шахтаро ба ҳам мепайвандад. **3**. Айвони аз ҳама баланди театр; галёрка низ гӯянд. **4**. Намоишгоҳи асарҳои рассомон, нигористон. **5**. *маҷ*. Қатор, силсила, мас., силсилаи образҳои бадеӣ.

**ГАЛЕ́ТА**, [фр. galette]. **1**. Як навъ фатиркулча. **2**. Печении хушки бенамак, ки аз орди гандум тайёр карда мешавад. || Мқс. крекер.

**ГАЛИО́Н**, [исп. galion]. Киштии ҳарбии бодбондори сесутуна дар Испания ва Португалия; то 100 тӯп ва зиёда аз 500 сарбоз дошт. || Мқс. барк, бриг, бригантина, фрегат.

**ГАЛИПО́Т**, [фр. galipot]. Шилми (зифти) дарахти сӯзанбарг, ки аз он ҳар хел доруҳо (марҳами *скипидар*, *канифол* ва ғ.) тайёр мекунанд.

**ГАЛИ́Т**, [< юн. hals намак]. *маъд*. Намаксанг (намаки ошӣ); дар шакли агрегатҳои кристаллии беранг, сафед, зард, кабуд дучор мешавад; дар саноати хӯрокворӣ, металлургия ва ғ. ба кор меравад.

**ГАЛИФЕ́**, [фр. Galliffet – аз номи генерали Фаронса Гастон Галифе]. Шими махсуси ҳарбиён, ки аз зону поёнаш тангу аз зону болояш васеъ аст; дар аввал онро барои сарбозони савора ҷорӣ карда буданд.

**ГА́ЛЛИЙ**, [лот. Gallia Фаронса]. *хим*. Элементи химиявӣ – металли нарми зудгудози нуқратоб; рамзаш Ga; ба ҷойи симоб дар *манометрҳо* ва ҳароратсанҷҳо истифода мебаранд; дар Фаронса кашф шудааст ва номаш аз ҳамин ҷост.

**ГАЛЛИСИ́ЗМ (ГАЛЛИЦИ́ЗМ)**, [лот. gallicus галлӣ ]. *збш*. Калима ё ибораи аз забони франсавӣ гирифташуда ё дар қолаби ин забон сохташуда.

**ГА́ЛЛИҲО**, [лот. Gallia Фаронса]. Номи римии келтҳо, сокинони Галлия (ҳудуди ҳозираи Фаронса, Белгия ва Италияи Шимолӣ); баъзан франсавиҳоро низ Г. меноманд.

**ГАЛЛОМА́НИЯ**, [лот. Gallia Фаронса + …*мания*]. Майлу ҳавас ба ҳамаи чизҳои франсавӣ.

**ГАЛЛО́Н**, [англ. gallon]. Воҳиди ҳаҷми ҷисмҳои обакӣ ва пошхӯранда дар як қатор мамлакатҳои англисизабон; 1 Г. дар Англия ба 4,546 л, дар ИМА ба 3,785 л баробар аст.

**ГАЛЛЮТСИНА́ТСИЯ (ГАЛЛЮЦИНА́ЦИЯ)**, [лот. hallucinatio ҳазён]. Таваҳҳум; фиреби эҳсос, ки дар натиҷаи ихтилоли рӯҳӣ пайдо мешавад.

**ГАЛЛЮТСИНОГЕ́НҲО (ГАЛЛЮЦИНОГЕ́НҲО)**, [лот. hallucinatio ҳазён +*...генҳо*]. Моддаҳои табиӣ ва сунъие, ки ба фаъолияти рӯҳӣ таъсир мерасонанд; истифодаи беҳуда ё аз меъёр зиёди онҳо ба ихтилоли рӯҳӣ бурда мерасонад.

**ГАЛО́**, [< юн. halos давра, қурс]. *астр.* Ҳола, парҳун; давраҳо, камонҳо, сутунҳои равшане, ки дар атроф ё дар назди қурси Офтоб ва Моҳ мушоҳида мешаванд. || Мқс. параселен, паргелий.

**ГАЛО**..., [< юн. hals намак]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки ба намак муносибат доштани он калимаҳоро ифода мекунад, мас., *галобионтҳо, галофитҳо*.

**ГАЛОБИО́НТҲО**, [< *гало... + бионт*]. *биол.* Организмҳое, ки дар обҳои шӯр зиндагӣ мекунанд.

**ГАЛОГЕНЕ́З**, [< *гало... + генез*]. Маҷмуи равандҳои ҳосилшавии намакҳои зудҳалшавандаи сулфат, хлориди калсий, магний, натрий ва калий дар обҳои шӯр.

**ГАЛОГЕНИ́ДҲО**, [< *галоген* + юн. eidos намуд]. *хим.* Пайвастҳои *галогенҳо* бо элементҳои дигари химиявӣ: бромидҳо, иодидҳо, фторидҳо, хлоридҳо; дар табиат дар шакли минералҳо дучор мешаванд.

**ГАЛОГЕНӢ**, [< *галогенҳо*]. *хим.* Мансуб ба галогенҳо, галогендор; ч а р о ғ и (ф у р ӯ з о н а к и) г а л о г е н ӣ – чароғе, ки ба таркиби омехтагазҳои даруни он ғайр аз газҳои *инертӣ* галогенҳо (бром ва иод) дохил мешаванд; дар муқоиса бо чароғҳои (фурӯзонакҳои) муқаррарӣ ҳаҷман хурдтар буда, равшании бештар медиҳад.

**ГАЛОГЕ́НҲО**, [< *гало... + ген*]. *хим.* Гурӯҳи элементҳои химиявӣ (*фтор, хлор, бром, йод*), ки ҳангоми пайвастшавӣ бо металлҳо намак ҳосил мекунанд; молекулаҳои Г. аз ду атом иборатанд.

**ГАЛО́ИДҲО**, [< юн. hals намак + eidos намуд]. *хим.* Ниг. галогенҳо.

**ГАЛОФИ́ЛҲО**, [< *гало... + филҳо*]. *биол.* Организмҳои зиндае, ки дар обу хоки шӯр зиндагӣ карда метавонанд. || Мқс. галобионтҳо, галофитҳо.

**ГАЛОФИ́ТҲО**, [< *гало... + фитҳо*]. *биол.* Растаниҳое, ки дар шӯрхоки дашту биёбон ва соҳилҳои баҳр мерӯянд. || Мқс. галобионтҳо, галофилҳо.

**ГАЛОФО́БҲО**, [< *гало... + фобҳо*]. *биол.* Намактарсҳо, намакбезорҳо; организмҳои зиндае, ки дар обу хоки бенамак зиндагӣ мекунанд ва дар обу хоки шӯр нобуд мешаванд.

**ГАЛС, ҲАЛС**, [ҳол. hals]. Хати ҳаракати киштӣ нисбати шамол.

**ГА́ЛСТУК**, [ол. Halstuch < Hals гардан + tuch рӯймолча]. Гарданбанд; пораи матои секунҷа ё дарозрӯяе, ки аз таги гиребони курта ба гардан мебанданд ва аз пеш гиреҳ дорад.

**ГАЛУ́Н**, [фр. galon]. Оба, шерозаи тасмагӣ; одатан дар либосҳои низомӣ (барои фарқ кунондани рутба) истифода мешавад.

**ГАЛУ́РГИЯ**, [< юн. hals намак + ergon кор, амал]. Соҳаи технологияи химиявӣ, ки усулҳои ҳосил намудани намакҳои гуногунро кашф мекунад.

**ГАЛУ́Т**, [яҳуд. қад.]. *таър*. Ронда шудани яҳудиён аз Иудея (Фаластин) дар асрҳои I – II мелодӣ ва ҳаёти минбаъдаи онҳо дар ғарибӣ ва парокандагӣ.

**ГАЛУ́ШКА**, [рус., укр.]. Як навъ хӯроки украинӣ, ки порчаҳои хамирро дар шӯрбо ё шир мепазанд; ба угрои тоҷикӣ монанд аст.

**ГАЛЮ́Н (ГАЛЬЮ́Н)**, [*ҳол.* galjoen]. Ҳоҷатхонаи киштӣ.

**ГАМАДРИА́ДА**, [< юн. қад.]. *зоол.* Куброи шоҳӣ; мори заҳрноки дар ҷаҳон калонтарин (дарозиаш то 5,5 м), ки дар ҷангалҳои Осиёи Ҷанубӣ-Шарқӣ зиндагӣ мекунад.

**ГАМАДРИ́Л**, [< юн. қад.]. *зоол.* Маймуни хокистарранг аз оилаи *павианҳо*; дар даштҳо ва саваннаҳои Африқо ва Осиё зиндагӣ мекунад.

**ГАМАЗИ́Д**, [лот. gamasidae]. *биол.* Оилаи канаҳое, ки дар бадани парандаю ҳайвонот зиндагӣ мекунанд.

**ГАМАСИДИА́З**, [лот. gamasidiasis]. *тиб.* Бемории пӯст, ки аз газидани канаҳои *гамазид* пайдо мешавад.

**ГАМАСИДО́З**, [< лот. gamasidae]. Ниг. гамасидиаз.

**ГАМБИ́Т**, [фр. gambit < ит. dare il gambetto пешпо додан]. Як усули бозии шоҳмот, ки дар аввал савор (*фигура*) ё пиёдаеро қурбон мекунанд, то ки мавқеи хубтарро ишғол намуда, зудтар ба ҳуҷум гузаранд.

**ГАМБРИНИ́ЗМ**, [лот. gambrinismus]. Пивозадагӣ; истеъмоли ҳамешагӣ ва барзиёди пиво.

**ГАМБУ́ЗИЯ**, [< лот. Gambusia affinis]. *зоол.* Як намуд моҳии хурд, ки дарозиаш аз 4 то 7,5 см мешавад; ватанаш Амрикои Шимолист; дар баъзе минтақаҳо барои мубориза бо вараҷа истифода мебаранд, зеро он кирми пашшаҳои вараҷаоварро мехӯрад.

**ГА́МБУРГЕР**, [англ. hamburger < ham гӯшти хук burger кулча (*булочка*)]. Кулчае (*булочкае*), ки дар байнаш қимакабоб ё гӯшти пухташуда ва ҳар хел кабудиву сабзавот ва хӯришҳо гузошта шудааст; тахмин мекунанд, ки тарзи тайёр кардани онро ба сокинони ИМА маллоҳони гамбургӣ омӯзондаанд ва номаш аз ҳамин ҷост. || Мқс. бутерброд, сэндвич, чизбургер.

**ГАМЕ́ТА**, [фр. gamete < юн. gametes шавҳар gamete зан]. *биол.* Ҳуҷайраи ҷинсии ҳайвон ё растанӣ. || Мқс. сперматозоид.

**ГАМЕТА́НГИЙ**, [< юн. gametes шавҳар gamete зан + angeon раг]. *бот.* Узви таносули занбуруғҳо ва обсабзҳо, ки дар он ҳуҷайраҳои мутаҳаррики ҷинсӣ (*гаметаҳо*) ташаккул меёбанд.

**ГАМЕТОГЕНЕ́З**, [< *гамета…* + *…генез*]. *биол.* Дар организми ҳайвонот ва растаниҳо ташаккул ёфтани ҳуҷайраҳои ҷинсӣ. || Мқс. оогенез, сперматогенез.

**ГАМЕТОГО́НИЯ**, [лот. gametogonia]. **1**. *биол.* Афзоиш ба тавассути *гаметаҳо*, раванди афзоиши таносулӣ. **2**. *тиб.* Марҳалаи инкишофи гаметоситҳои нарина ва модинаи ангезандаи вараҷа дар хуни бемор.

**ГАМЕТОПА́ТИЯ**, [лот. gametopathia]. **1**. *биол.* Носомонии аввалини инкишофи гаметаҳо бинобар инҳирофи хромосомонӣ. **2**. *тиб.* Бемории модарзоде, ки дар натиҷаи носомонии мазкур пайдо мешавад.

**ГАМЕТОТСИ́Д (ГАМЕТОЦИ́Д)**, [лот. gametosidis]. *биол.* Моддае, ки *плазмодияи* вараҷаро маҳв мекунад.

**ГАМЕТОТСИ́Т (ГАМЕТОЦИ́Т)**, [лот. gametocyti]. *биол.* Гаметаҳои норасида; ҳуҷайраҳои гаметазо; ҳуҷайраҳои таносулӣ (сперматотситҳо ва оотситҳо).

**ГАМЕТОФИ́Т**, [лот. gametophytus]. *биол.* Насле, ки бо роҳи ҷинсӣ афзоиш мекунад.

…**ГАМИЯ**, [< юн. gamos издивоҷ, никоҳ]. Қисми калимаҳои мураккаб, ки ба издивоҷ, муҷомиат, никоҳ муносибат доштани онҳоро ифода мекунад, мас., *гетерогамия, моногамия.*

**ГА́ММА**, [юн. gamma]. **1**. Ҳарфи сеюми алифбои юнонӣ (Г $\gamma$). **2**. Садҳазорумин ҳиссаи *эрстед*. **3**. *мус.* Қаторовоз; қатори пай дар пай ва мутаносиби пардаҳо. **4**. Тобишҳои бо якдигар мутаносиб ва алоқаманди рангҳо, ки ҳангоми офаридани асари бадеӣ истифода мешаванд (г а м м а и р а н г ҳ о ).

**ГАММА-…**, [< юн. gamma]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки инҳоро ифода мекунад: 1) яке аз ҳолатҳои модда, мас., гамма-оҳан; 2) робита бо яке аз намудҳои зарраҳои элементарӣ, мас., гамма-шуоъафканӣ.

**ГА́ММА-АСТРОНО́МИЯ**, [< *гамма-…* + *…астрономия*]. *астр.* Яке аз шохаҳои астрономияи ғайриатмосферӣ, ки ҷисмҳои кайҳониро аз рӯйи гамма-шуоъафкании онҳо меомӯзад.

**ГА́ММА-ГЛОБУЛИ́НҲО**, [< *гамма-…* + *…глобулин*]. *биол.* Сафедаҳои хун, ки подтанҳо (антителоҳо, антиҷисмҳо)-и зиддибактериявӣ ва зиддивирусӣ доранд.

**ГА́ММА-КАРОТА́Ж**, [< *гамма-…* + *…каротаж*]. *геол.* Яке аз усулҳои санҷидани гамма-шуоъафкании табиии ҷинсҳои кӯҳӣ.

**ГА́ММА-КВАНТ**, [< *гамма-…* + *…квант*]. *Фотони* баландэнергия.

**ГА́ММА-МЕ́ТОД**, [< *гамма-…* + *…метод*]. *геол.* Усули ҷустуҷӯи сарватҳои зеризаминӣ аз рӯйи шуоафкании радиоактивии ҷинсҳои кӯҳӣ.

**ГА́ММА-ОҲАН**, [< *гамма-…* + *…оҳан*]. Ҳолати (яке аз фазаҳои) оҳан ҳангоми 910 - 1400˚ С будани ҳарорати он.

**ГА́ММА-СПЕКТРО́МЕТР**, [< *гамма-*… + …*спектометр*]. Асбоб барои муайян кардани *спектр* ва чен кардани қувваи гамма-шуоафканӣ.

**ГА́ММА-ТЕРАПИ́Я**, [< *гамма-*… + …*терапия*]. *тиб*. Муоличаи бемориҳо бо ёрии гамма-шуоъҳо.

**ГА́ММА-ШУОЪҲО**, [< *гамма-*… + …*шуоъ*]. Яке аз аз се шуое, ки моддаҳои радиоактивӣ меафкананд; аз чиҳати хусусиятҳои худ ба шуоъҳои рентгенӣ монананд, вале мавчҳояшон кӯтоҳтаранд (< $10^{-8}$ см).

**ГАМО́НҲО**, [< юн. gamos издивоч, чуфтшавӣ]. *биол*. Моддаҳое, ки ҳучайраҳои чинсии (*гаметаҳои*) баъзе растаниҳо ва ҳайвонот чудо мекунанд.

**ГА́НГЛИЙ**, **ГА́НГЛИЯ, ГА́НГЛИОН,** [< юн. ganglion лӯндача, донача]. **1**. *анат*. Гиреҳи асаб – анбӯҳи бофтаҳо, ҳучайраҳо ва торҳои асаб, ки дар як чо ғун шудаанд. **2**. *тиб*. Омоси на чандон калони безарар (*киста*), ки аз буғумхалта ва ғилофаки пайҳо пайдо мешавад; бештар дар пушт, баъзан дар кафи даст, банди даст ва пушти по инкишоф меёбад; бо усули чарроҳӣ табобат мекунанд.

**ГАНГО́ЗА**, [лот. gangosa]. *тиб*. Беморие, ки бо маҳв шудани бофтаҳои чеҳра зоҳир мегардад. || Мқс. нома.

**ГАНГРЕ́НА**, [< юн. gangraina]. *тиб*. Окила, қаросон; пӯсидани бофтаҳо, узв ё як қисми бадан дар натичаи қатъ гардидани гардиши хун.

**ГА́НГСТЕР**, [англ. gangster < gang дастаи роҳзанон]. Роҳзан, яғмогар, торочгар; узви дастаи муташаккили чинояткорон.

**ГАНДБО́Л**, [англ. hand-ball < hand даст + ball тӯб]. *варз*. Тӯби дастӣ; бозии варзишии футболмонанд, ки дар он аъзои ду даста (7 ё 11-нафарӣ) тӯбро аз даст ба даст дода, ба дарвозаи ҳариф мепартоянд.

**ГАНДИ́ЗМ**, [аз номи М.К.Ганди – яке аз асосгузорони ҳаракати миллию озодихоҳии Ҳиндустон]. Таълимоти сиёсию ичтимоӣ ва динию фалсафӣ, ки дар давраи мубориза мардуми Ҳиндустон барои истиқлолият ба вучуд омада, идеологияи ҳаракати миллии озодихоҳона гардид; ҳадафи асосии он – ба таври осоишта, бе зӯрӣ, бо роҳи ба мубориза чалб намудани омма ба даст овардани истиқлолияти Ҳиндустон.

**ГАНДИКА́П**, [англ. handicap]. *варз*. **1**. Дар мусобиқаҳои варзишӣ додани имтиёз (*фора*) ба ҳарифи нисбатан суст бо мақсади то андозае баробар кардани қувваи ҳарифон. **2**. Пойгаи аспони син, зот ва лаёқаташон гуногун.

**ГА́НДШПУГ**, [ҳол.]. Фишанг дар киштӣ барои бардоштан ва тела додани чизҳои вазнин.

**ГА́НИЙ**, [< ол. hahn]. хим. Элементи химиявии № 105 системаи даврӣ (Gn); соли 1970 физикҳои амрикоӣ кашф намуда, ба он номи радиохимики олмонӣ Отто Ганро доданд; физикҳои шӯравӣ низ ҳамзамон ин элементро кашф намуда, нилсборий номиданд; то имрӯз номи аниқ ва ягонаи он вучуд надорад.

**ГАНИМЕ́Д**, [юн. Ganymedes]. **1**. Дар асотири юнониёни қадим – писари зебое, ки *Зевс* дуздида, бодакаши худ гардонда буд. **2**. *маҷ*. Соқӣ; пешхизмате, ки ба меҳмонон май мерезад. 3. *астр*. Радифи Муштарӣ; диаметраш тақр. 5260 км; яхпӯш ва дорои атмосфера аст; соли 1610 Галилео Галилей кашф карда буд. **4**. *астр*. Номи яке аз сайёраҳои хурд, ки диаметраш тақр. 28 км аст.

**ГАНО́ИДҲО**, [< юн. ganos ҷилодор + eidos намуд]. *зоол*. Моҳиҳои пулакчаҳояшон ромбшакли ҷилодор, ки дорои моддаи махсуси устухонӣ – ганоинҳо мебошанд; аз давраи палеозой то имрӯз нест нашуда, боқӣ мондаанд.

**ГАНТЕ́Л (ГАНТЕ́ЛЬ)**, [ол. Hantel]. Ҷуфтсанг; асбоби варзиш – ду кура ё ду қурси (*диски*) металлӣ, ки бо як дастаи кӯтоҳ бо ҳам пайваст шудаанд; барои машқ додани мушакҳои дасту бозувон истифода мешавад.

**ГАОЛЯ́Н**, [хит.]. *бот*. Як намуди арзан, ки дар Осиёи Шарқӣ мерӯяд.

**ГАПЛО́ИД**, [юн. haploos муқаррарӣ, ҳақиқӣ + eidos намуд]. *биол*. Ҳуҷайра ё фарде, ки маҷмуи яккаратаи (гаплоидии) хромосомаҳои тоқ дорад.

**ГАПЛОЛО́ГИЯ**, [< юн. haploos муқаррарӣ, ҳақиқӣ + ...*логия*]. *збш*. Аз калима афтидани яке аз ду ҳиҷои ҳамсояе, ки ба якдигар монанданд, мас., «*минералогия*» ба ҷойи «*минералология*».

**ГАРА́Ж**, [фр. garage]. **1**. Бино барои нигоҳдорӣ, таъмир ва бо сӯзишворӣ пур кардани автомобилҳо, тракторҳо, мототсиклҳо. **2**. Хона барои нигоҳ доштани автомобил.

**ГАРА́Ж-СЕЙЛ**, [англ. garage гараж + sale фурӯхтан]. Кӯҳнафурӯшӣ; фурӯши ашёи пештар истифодашуда ё барои соҳибашон нодаркор бо нархи арзон.

**ГАРА́НТ**, [фр. garant]. Кафил, зомин; давлат, муассиса ё шахсе, ки барои чизе кафил шудааст.

**ГАРА́НТИЯ**, [фр. garantie]. Кафолат, замонат, гарав.

**ГАРДЕМАРИ́Н**, [фр. garde-marine посбонони баҳрӣ]. *таър*. Талабаи синфи болоии *корпуси кадетии* баҳрӣ дар Руссияи подшоҳӣ; рутба дар флоти рус.

**ГАРДЕ́НИЯ**, [лот. gardenia аз номи биохимики шотландӣ Артур Гарден]. *бот*. Тасбеҳак; буттае аз оилаи рӯянҳо; дар минтақаҳои тропикӣ ва субтропикии Осиё ва Африқо мерӯяд (100 – 250 намуд).

**ГАРДЕРО́Б**, [ол. Garderobe]. **1**. Ҷевони либос. || Мқс. шифонйер. **2**. Либосхона; ҷойи кашидан ва нигоҳ доштани либоси рӯй дар театр, тарабхона, идора, муассиса ва ғ. **3**. Маҷмуи либосу пойафзоли як одам.

**ГАРДИ́НА**, [ол. Gardine]. Пардае, ки тамоми тирезаро мепӯшонад.

**ГАРЕ́ЛКА**, [белорус. гарэлка]. Номи белорусии арақ.

**ГАРМО́Н**, [рус < юн. harmonia ҳамовозӣ, ҷурӣ]. Асбоби мусиқии забонакдор, ки ба воситаи дам садо мебарорад. || Мқс. аккордеон, баян, гармоника.

**ГАРМО́НИКА**, [ол. Harmonika]. **1**. Асбоби мусиқии нафасии забонакдор (клавиатурадор). || Мқс. аккордеон, баян, гармон, консертино. **2**. *физ., мат.* Лаппише, ки басомади он нисбат ба басомади асосии лаппиши мураккаб каратӣ мебошад. **3**. *физ.* Оҳанге, ки аз лаппиши (ларзиши) қисмҳои ҷисми садодиҳанда пайдо мешавад.

**ГАРМО́НИЯ**, [юн. harmonia мутаносибӣ, мувофиқат, ҳамовозӣ]. **1**. Дар асотири юнониёни қадим – духтари Адрес ва Афродита; шаби тӯяш худоҳо ба вай шаддаи марҷоне тӯҳфа карданд, ки баъдтар ба ҳамаи соҳибонаш бадбахтиҳо овард. **2**. Ба якдигар мувофиқат кардани қисмҳои як чизи бутун; ҳамовозӣ, ҷурӣ, мувозанат, созгорӣ, таносуби унсурҳои ягон чизи таркибӣ (баръакси *дисгармония*). **3**. *санъ.* Дар санъати тасвирӣ ва меъморӣ – ба ҳам мувофиқ омадани ҳамаи унсурҳои асар. **4**. *мус.* Назарияи мусиқӣ дар бораи қонунияти пайвастагӣ ва пайдарҳамиии овозҳо; ҳамоҳангии якчанд садои мусиқӣ; хушоҳангӣ, хушнавоӣ. **5**. *збш.* Ҳамоҳангии овозҳои садоноки калима (ниг. *сингармонизм*).

**ГА́РНА**, [санск.]. Ҳайвони ҷуфтсум аз оилаи ковокшохҳо, дарозии баданаш то 1,5 м; шохҳои печони спиралшакл дорад; дар ҳамвориҳои Ҳиндустон зиндагӣ мекунад; шикори Г. яке аз намудҳои варзиш ба шумор меравад.

**ГАРНЕ́ТС (ГАРНЕ́Ц)**, [рус < пол. garniec]. *таър.* Андозаи қадимии ҷисмҳои пошхӯранда дар Руссия, ки ба 3,28 л баробар аст.

**ГАРНИЗО́Н**, [фр. garnison]. *ҳарб.* Қисмҳои ҳарбӣ, ки дар шаҳр, қалъа, истеҳкоми мудофиавӣ ҷойгир шудаанд.

**ГАРНИ́Р**, [фр. garner зинат додан]. Хӯриши таом; сабзавот, макарон, биринҷ, марҷумак ва ғ., ки алоҳида пухта, ба таоми гӯштӣ ё моҳигӣ илова карда мешавад.

**ГАРНИТУ́Р**, [фр. garniture]. Маҷмуи ашёе, ки бо мақсади муайяне истифода мешавад, мас., Г.-и мебел, Г.-и либос.

**ГАРНИТУ́РА**, [фр. garniture]. Гарнитураи ҳарфҳо – маҷмуи пурраи ҳарфҳои якхела, вале андоза, нақш ва равшаниашон ҳархела.

**ГА́РПИЯ**, [юн. Harpyia]. **1**. Дар асотири юнониёни қадим – аждарзани қанотдор, олиҳаи гирдбод. **2**. *маҷ.* Зани бадҷаҳл. || Мқс. мегера. **3**. *зоол.* Парандаи калонҷуссаи даранда аз оилаи пайғуҳо, ки дар ҷангалҳои Амрикои Ҷанубӣ ва Марказӣ зиндагӣ мекунад. **4**. *зоол.* Як навъ кӯршапараки калон дар Осиёи Ҷанубӣ-Шарқӣ.

**ГАРПУ́Н**, [ҳол. harpoen]. Танобнайза; найзаи чангакдор, ки ба ремони симин ё канабин баста шудааст; барои шикори моҳиҳои калон ё ҳайвоноти дигари баҳрӣ истифода мешавад; ҳоло барои шикори наҳанг найзаҳои металлие истифода мешаванд, ки дар нӯгашон *граната** доранд ва он дар бадани ҳайвон метаркад.

**ГАРРО́ТА**, [исп. garrote]. Чанбараки винтдор – аслиҳаи ҷазодиҳӣ ва қатли ваҳшиёна бо роҳи буғӣ кардан, ки дар асрҳои миёна дар Испания ва Португалия истифода мешуд.

**ГАРСО́Н**, [фр. garcon писарбача]. Пешхизмати тарабхона ё қаҳвахона дар Фаронса ва баъзе мамлакатҳои диг.; дастёрбача ё қосидбача дар меҳмонхона.

**ГАРТ**, [< ол. Hartblei сурби сахт]. **1**. Хӯлаи қаъагӣ, сурма ва каме мис, ки барои рехта тайёр кардани ҳарфҳои матбаа ба кор меравад. **2**. Ҳарфҳои шикаста ё хӯрдашуда, ки барои аз нав гудохтан таъйин шудаанд.

**ГА́РУС**, [пол. harus]. **1**. Ресмони пашмӣ барои бофтани матоъҳои дурушт. **2**. Як навъ матои дурушти пахтагӣ.

**ГАРУ́СПИКҲО**, [лот. haruspex < harus рӯда + specio мушоҳида мекунам]. Коҳинони Рими қадим, ки аз рӯйи дилу ҷигар ва рӯдаву гурдаи ҳайвони қурбонишуда фол кушода, ҳодисаҳои гуногуни табиатро (мас., раъду барқ ва офатҳои табииро) пешгӯӣ мекарданд.

**ГАСКОНА́ДА**, [фр. gasconnade аз номи музофоти Гаскони Фаронса, ки сокинони он бо худситоиву лофзанӣ ном бароварда буданд]. Худситоӣ, лофзанӣ.

**ГАСТА́РБАЙТЕР**, [ол. Gastarbeiter < Gast меҳмон + Arbeiter коргар]. Муҳоҷири меҳнатӣ; коргари муҳоҷир; шахсе, ки ба ягон давлат барои кор карда, пул ёфтан муҳоҷират кардааст.

**ГАСТРАДЕНИ́Т**, [лот. gastradenitis]. *тиб*. Варами ғудуди меъда.

**ГАСТРАДИНАМИ́Я**, [лот. gastradynamia]. *тиб*. Заъфи меъда; беқувватии меъда.

**ГАСТРАЛГИ́Я**, [лот. gastralgia]. *тиб*. Дарди меъда; меъдадард.

**ГАСТРАЛГОКЕНО́З**, [лот. gastralgocenosis]. *тиб*. Дарди меъдаи холӣ; дарди меъда ҳангоми гурусна будани шикам.

**ГАСТРАНЕВРИ́Я**, [лот. gastraneuria]. *тиб*. Сустии тонус ва кори меъда. || Мқс. гастродинамия.

**ГАСТРАСТЕНИ́Я**, [лот. gastrasthenia]. *тиб*. Фаъолияти сусти меъда. || Мқс. гастрадинамия, гастраневрия.

**ГАСТРИКСИ́Н**, [лот. gastrixium]. *тиб*. Ферменти шираи меъда, ки сафедаро ҳал мекунад.

**ГАСТРИ́Н**, [< юн. gaster (gastros) меъда]. *тиб., биол*. Ҳормони (*полипептиди*) одам ва ҳайвон, ки ҳуҷайраҳои махсуси луобпардаи меъда ҳангоми ба меъда ворид шудани хӯрок ҷудо мекунанд.

**ГАСТРИ́Т**, [< юн. gaster (gastros) меъда]. *тиб*. Варами луобпардаи меъда дар натиҷаи истеъмоли нодурусти ғизо, суъистеъмол аз машруботи спиртӣ, тамоку ва ғ. || Мқс. гастроэнтерит, колит.

**ГАСТРО..., ГАСТЕР..., ГАСТР...**, [< юн. gaster (gastros) меъда]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки ба меъда ва ҳазми хӯрок муносибат доштани он калимаҳоро ифода мекунад, мас., *гастроэнтерит*, *гастрит*.

**ГАСТРОГАСТРО́Н**, [лот. gastrogastronum]. *тиб.* Гормоне, ки фаъолияти меъдаву рӯдаҳоро бозмедорад.

**ГАСТРО́ГРАФ**, [лот. gastrographium]. *тиб.* Асбоб барои қайди ҳаракати меъда.

**ГАСТРОДИАФА́Н**, [лот. gastrodiaphanum]. *тиб.* Асбоб барои равшан кардани даруни меъда.

**ГАСТРОДУОДЕНИ́Т**, [лот. gastroduodenitis]. *тиб.* Варами меъда ва рӯдаи дувоздаҳангушта.

**ГАСТРОДУОДЕНЭКТОМИ́Я,** [лот. gastroduodenectomia]. *тиб.* Бурида партофтани меъда ва рӯдаи дувоздаҳангушта.

**ГАСТРОИЛЕИ́Т**, [лот. gastroileitis]. *тиб.* Варами меъда ва рӯдаи тиҳигоҳӣ.

**ГАСТРОКОЛИ́Т**, [лот. gastrocolitis]. *тиб.* Варами меъда ва рӯдаи ғафс.

**ГАСТРОКСИ́Я**, [лот. gastroxia]. *тиб.* Барзиёдии туршии шираи меъда.

**ГАСТРО́Л**, [ол. Gastrolle < Gast меҳмон + Rolle рол, нақш]. Сафари ҳунарӣ; намоиши ҳунарии артист, дастаи артистон, ансабл, театр, сирк ва ғ. дар шаҳр ё мамлакати дигар.

**ГАСТРОЛЁ́Р**, [< *гастрол*]. **1**. Артисте, ки ба *гастрол* рафтааст (омадааст). **2**. Одаме, ки ягон корро муваққатан, тасодуфан ва одатан бо дили нохоҳам ва нимкола иҷро мекунад. **3**. *маҷ.* Ҷинояткор, дузд, ғоратгаре, ки аз шаҳри дигар омадааст; дузди (ҷинояткори) бегона.

**ГАСТРОЛИ́Т**, [лот. gastrolithus]. *тиб.* Санги меъда.

**ГАСТРОЛИТИА́З**, [< лот. gastrolithus]. *тиб.* Бемории санги меъда; пайдо шудани санг дар меъда.

**ГАСТРОЛО́ГИЯ**, [< лот. *гастро…* + *…логия*]. *тиб.* Меъдашиносӣ; соҳаи илми тиб, ки бемориҳои меъда ва роҳҳои табобати онҳоро меомӯзад.

**ГАСТРОМЕГА́ЛИЯ**, [лот. gastromegalia]. *тиб.* Аз ҳад калон шудани меъда.

**ГАСТРОМИКО́З**, [лот. gastromicosis]. *тиб.* Бемории занбӯруғии меъда.

**ГА́СТРОНЕФРИ́Т**, [лот. gastronephritis]. *тиб.* Варами меъда ва гурда.

**ГАСТРОНО́М**, [фр. gastronome < юн. gaster (gastros) меъда + nomos қонун]. **1**. Бомазахӯрак, зуккахӯр; шахсе, ки таомҳои лазизро медонад ва дӯст медорад. || Мкс. гурман. **2**. *Магазини* хӯрокворӣ.

**ГАСТРОНО́МИЯ**, [фр. gastronomie < юн. gaster (gastros) меъда + nomos қонун]. **1**. Донистани нозукиҳои санъати хӯрокпазӣ. **2**. Маҷмуи хӯрокворechии аълосифат. **3**. Шуъбаи магазин, ки чунин хӯроквориҳо мефурӯшад.

**ГА́СТРОПАНКРЕАТИ́Т**, [лот. gastropancreatitis]. *тиб.* Варами меъда ва ғадуди зери меъда.

**ГАСТРОПО́ДҲО**, [< *гастро*… + юн. pas (podos) пой]. *зоол.* *Моллюскҳои* шикампо, ки дар ҳама ҷо ва дар ҳама гуна шароит зиндагӣ карда метавонанд (такр. 20 намуд).

**ГАСТРОПО́Р**, [< *гастро*… + юн. poros сӯрохӣ]. *биол.* Сӯрохие, ки ба воситаи он ҷанин дар давраи *гаструла* бо муҳити атроф робита менамояд; *бластопор* низ гӯянд.

**ГАСТРОПТО́З**, [< *гастро*… + …*птоз*]. *тиб.* Фуромадани меъда ҳамзамон бо фуромадани узвҳои дигари ковокии шикам; модарзод ва муҳассал буда метавонад; одатан дар натиҷаи якбора лоғар шудан, ҳомилагии такрорӣ ва ғ. пайдо мешавад; бо дарди сахт дар меҳроби дил, оруғзанӣ ва дамидани шикам зоҳир мегардад. ‖ Мқс. гепатоптоз.

**ГАСТРОСКОПИ́Я**, [< *гастро*… + …*скопия*]. *тиб.* Муоинаи даруни меъда бо асбоби махсус (гастроскоп ё эндоскоп), ки аз даҳон ва сурхрӯда ба меъда медароранд.

**ГАСТРОФИЛЁЗҲО**, [< *гастро*… + …*филҳо*]. *байт.* Гурӯҳи бемориҳои ҳайвоноти тоқсум; бештар бо таъсири кирмакҳои ғурмагас, ки дар меъда муфтхӯрӣ мекунанд, пайдо шуда, боиси лоғаршавии ҳайвонот мегарданд.

**ГАСТРОТСЕ́Л (ГАСТРОЦЕ́ЛЬ)**, [< *гастро*… + юн. koilos ковокӣ]. *биол.* Ковокие, ки дар ҷанини ҳайвонот дар давраи *гаструла* пайдо мешавад. ‖ Мқс. бластотсел.

**ГАСТРОЭНТЕРИ́Т**, [< *гастро*… + юн. enteron рӯда]. *тиб.* Варами луобпардаи меъда ва рӯдаҳои борик. ‖ Мқс. гастрит, колит, энтерит, энтероколит.

**ГАСТРОЭНТЕРОКОЛИ́Т**, [< *гастро*… + юн. enteron рӯда + …*колит*]. *тиб.* Бемории илтиҳобии шадид ё музмини тамоми узвҳои ҳозимаи (асосан меъдаю рӯдаи) одам ва ҳайвонот, ки дар натиҷаи сироят, заҳролудшавӣ, *аллергия*, вайроншавии мубодилаи моддаҳо, иллатҳои аъзои ҳозима пайдо мешавад. ‖ Мқс. гастрит, колит, энтерит.

**ГАСТРОЭНТЕРОЛО́ГИЯ**, [< *гастро*… + юн. enteron рӯда + …*логия*]. *тиб.* Соҳаи тиб, ки сохт ва вазифаҳои узвҳои ҳозима, бемориҳои онҳо ва усулҳои пешгирию табобати ин бемориҳоро тадқиқ мекунад.

**ГА́СТРУЛА**, [лот. gastrula < юн. gaster (gastros) меъда]. *биол.* Давраи инкишофи ҷанини ҳайвоноти серҳуҷайра, ки баъди *бластула* фаро мерасад; ҷанин дар ин давра девори дуқабата ва ковокие дорад, ки ба воситаи сӯрохӣ (*бластопор*) бо муҳити беруна робита пайдо мекунад.

**ГАТТЕ́РИЯ**, [австрал.]. *зоол.* Ягона намояндаи имрӯзаи оилаи хазандаҳои минқорсар, ки ба калтакалос монанд аст; дарозиаш то 0,75 см; дар ҷазираҳои Зеландияи Нав зиндагӣ мекунад.

**ГА́У**, [ол. Gau]. Ташкилоти ҳизбии минтақавӣ дар ҳайати ҳизби фашистии Олмон (НСДАП); баъди ба сари ҳокимият омадани миллатчиёни фашистӣ – воҳиди маъмурию ҳудудӣ; соли 1933 дар Олмон 32 Г. вуҷуд дошт.

**ГА́УБИТСА (ГА́УБИЦА)**, [ол. Haubitze]. Тӯпи вазнини кӯтоҳмил, ки бештар барои вайрон кардани қалъа ва истеҳкомҳои аз назар пинҳони душман истифода мешавад; калибраш аз 100 зиёд, дарозии милаш 15 – 30 калибр, дурии парвози тираш то 24 км. || Мқс. мортира.

**ГАУЛЕ́ЙТЕР**, [ол. Gauleiter < Gau вилоят + leiter роҳбар]. *таър*. Рутбаи олии ҳизбӣ дар НДСАП (ҳизби фашистии Олмон); бевосита аз тарафи Гитлер дода мешуд; аз ҷиҳати мақом бо рутбаи ҳарбии генерал-полковник баробар аст.

**ГАУПТВА́ХТА**, [ол. Hauptwache]. **1**. Дар аввал – қаровулхона. **2**. Баъдтар – ҳабсхонаи дохилӣ барои ҳарбиён.

**ГАУ́Р**, [лот. Bibos gaurus < санск.]. *зоол*. Гови ваҳшӣ, ҳайвони ҷуфтсум аз оилаи ковокшоххо; баландии қадаш то 2,2 м; дар ҷангалҳои Ҳиндустон, Ҳиндухитой, Малакки зиндагӣ мекунад.

**ГАУСМАНИ́Т**, [англ. hausmannite]. *маъд*. Минерал – оксиди марганетси ду- ва севалентаи дорои омехтаҳои барий, оҳан, калсий, магний, руҳ; барои гудохтани ферромарганетс ва чӯян истифода мешавад.

**ГА́УСС**, [ол. Gauss – аз номи математики олмонӣ К.Ф Гаусс (1777 – 1855)]. *физ*. Воҳиди индуксияи магнитӣ; бо Гс, Gs ифода карда мешавад.

**ГАУСТО́РИҲО**, [< лот. haustor нӯшанда]. *биол*. Узвҳои часпанда ва макандаи растаниҳои ангал (муфтхӯр); растаниҳои ангал бо ёрии Г. ба танаи растаниҳои дигар часпида, моддаҳои ғизоии онҳоро мемаканд.

**ГА́УЧО**, [исп. gaucho]. **1**. Гурӯҳи этникӣ дар Аргентина ва Уругвай, ки дар асри 16 аз издивоҷи испаниҳо бо занҳои ҳинду ба вуҷуд омадааст; бо оворагардӣ, чӯпонӣ машғул буданд. **2**. Чӯпони кироя дар Амрикои Лотинӣ. **3**. Суруди чӯпонии аргентиниҳо.

**ГА́ФНИЙ**, [лот. Hafnium < Hafnia Копенгаген]. *хим*. Элементи химиявии гурӯҳи IV системаи даврӣ (Hf), металли нуқратоби душворгудоз ва ба гармӣ тобовар; барои тайёр кардани қисмҳои танзимкунанда ва муҳофизаткунандаи реакторҳои ядроӣ, *электродҳои плазмотрон; катодҳо,* симҳои сурхшавандаи дохили фурӯзонакҳо, дар радиотехника, таҷҳизоти рентгенӣ ва ғ. истифода мешавад.

**ГАЯ́Л**, [< ҳинд.]. *Гаури* хонагӣ (ниг. гаур).

**ГВАРА́НИ, ГУАРА́НИ**, [исп. guarani]. Воҳиди пулии Парагвай, ки ба 100 *сентимо* баробар аст.

**ГВА́РДИЯ**, [ит. guardia посбонон]. **1**. Горд; сарбозони яккачин барои муҳофизати сардорони давлат ва сарлашкарон. **2**. Қисмҳои яккачини лашкар; Г. дар Русия аз замони Пётри I (лейб-гвардия) то Инқилоби Октябр вуҷуд дошт; с. 1941 аз нав барқарор карда шуд. **3**. Г в а р д и я и  с у р х – дастаҳои коргарони мусаллаҳ, ки болшевикон дар рӯзҳои аввали Инқилоби буржуазӣ-демократии (февралии) с. 1917 ташкил карда буданд. **4**. Г в а р д и я и  с а ф е д – номи умумии дастаҳо ва қӯшунҳои ҳарбие, ки бо болшевикон барои сарнагун намудани ҳокимияти шӯравӣ мубориза

мебурданд. **5**. Г в а р д и я и  м и л л ӣ (горди миллӣ) – а) номи қисмҳои мусаллаҳи ҳарбӣ дар баъзе мамлакатҳо (аз он ҷумла дар Тоҷикистон); б) дастаи фидоиён, ки с. 1789 дар замони Инқилоби кабири Фаронса ташкил шуда, то с. 1871 вуҷуд дошт. **5**. *маҷ*. Қисми зубдаи ягон гурӯҳи иҷтимоӣ, мас., «гвардияи кӯҳна».

**ГВАЮ́ЛА**, [исп. guayle]. *бот*. Буттаи қадпасти ҳамешасабз аз оилаи мураккабгулҳо, ки дар Амрикои Шимолӣ мерӯяд; каучук, зиф, равғанҳои эфирӣ дорад.

**ГВАЯКО́Л**, [англ. guaiacol]. *хим*. Пайвасти беранги органикӣ, эфири метилии пирокатехин; дар истеҳсоли доруҳо барои табобати бемориҳои шуш ва роҳҳои нафас, инчунин барои синтези ванилин, эвгенол ва ғ. истифода мешавад.

**ГЕ́БА**, [юн. Gebe]. Дар асотири юнониёни қадим – олиҳаи ҷавонии абадӣ, духтари *Зевс* ва Гера.

**ГЕБЕФРЕНИ́Я**, [< юн. hebe ҷавонӣ + phren дил, рӯҳ, ақл, хирад]. *тиб*. Яке аз шаклҳои шизофрения; ихтилоли рӯҳие, ки бо қилиқхунукӣ, гуфтору рафтори масхарабозона, шӯхиҳои кӯдакона, ҳаяҷону изтироби сахт зоҳир мегардад.

**ГЕБРАИ́ЗМ**, [< юн. hebraios яҳудӣ]. *збш*. Калимаю ибораҳое, ки аз забони яҳудии қадим гирифта шудаанд.

**ГЕБРАИ́СТИКА**, [< юн. hebraios яҳудӣ]. Илме, ки дин, фарҳанг, таърих, забон ва хати яҳудиёнро таҳқиқ мекунад.

**ГЕВЕ́Я**, [лот. hevea]. *бот*. Дарахти ҳамешасабз аз оилаи зарбатиҳо, ки дар минтақаҳои гарми Амрико ва Осиё мерӯяд.

**ГЕГЕЛИЯ́**, [< ол. Hegel]. *фалс*. Ҷараёни фалсафие, ки ба таълимоти Георг Гегел (1770 – 1831) асос ёфта, онро то андозае инкишоф медиҳад; солҳои 30 – 40-уми асри XIX дар Олмон пайдо шудааст.

**ГЕГЕМО́Н**, [< юн. hegemon доҳӣ]. Роҳбар, ҳукмрон, сарвар, пешво, доҳӣ.

**ГЕГЕМО́НИЯ**, [юн. hegemonia]. Ҳукмронӣ, роҳбарӣ, сарварӣ, ҳукмфармоӣ, бартарӣ.

**ГЕДЕО́Н, ГИДЕО́Н**, [< яҳ. қад.]. Дар Хамсаи Мӯсо – ҷавоне, ки бо фармони малак Яҳво лашкари халқӣ ташкил намуда, сарзамини Исроилро аз ҳуҷуми ғоратгарони кӯчманчӣ муҳофизат менамуд.

**ГЕДОНИ́ЗМ**, [< юн. hedone кайфу сафо, айшу ишрат]. *фалс*. Риндия; таълимоти ахлоқие, ки онро аввал файласуфҳои Юнони Қадим инкишоф дода буданд (асри 4 то милод); мувофиқи ин таълимот, мақсади зиндагӣ ва неъмати олитарини он айшу ишрат ва кайфу сафо мебошад.

**ГЕЕ́ННА**, [юн. geenna]. Мувофиқи тасаввуроти динӣ – дӯзах, ҷаҳаннам, сақар, ҷаҳим, ҷойи азобу азияти абадӣ.

**ГЕЗЕ́НК**, [ол. Gesenk]. Кони амудии зеризаминӣ, ки ба сатҳи замин роҳи баромад надорад.

**ГЕЙ**, [англ. gay бадрафтор, фосиқ]. Марди *гомосексуал* – марде, ки нисбати мард майли эҳсосотӣ, эстетикӣ ва шаҳвонӣ дорад.

**ГЕЙДЕЛБЕРГӢ**, [< ол. Heidelberg]. Одами гейделбергӣ – яке аз шаклҳои қадимтарини одам дар Аврупо, ки дар ибтидои давраи чорум зиндагӣ кардааст; с. 1907 ҷоғи поёни ин одам дар назди ш. Гейделберги Олмон ёфт шуда буд ва номаш аз ҳамин ҷост.

**ГЕ́ЙЗЕР**, [ол. Geyser < юн. geysir]. Чашмаи ҷӯшон, ки аз он сари ҳар вақт оби гарм ва буғ то баландии 20 – 40 м фаввора мезанад; Г.-ҳо бештар дар минтақаҳои вулқонӣ (Исландия, Зеландияи Нав, Амрикои Шимолӣ) дучор мешаванд.

**ГЕЙМ**, [англ. game бозӣ]. **1**. *варз*. Як қисми баъзе бозиҳои варзишӣ (мас., *теннис*), ки бо миқдори холҳои гирифтаи бозигарон муайян карда мешавад. **2**. Умуман бозӣ (одатан бозии компютерӣ).

**ГЕЙМ-ДИЗА́ЙН**, [англ. game бозӣ + *дизайн*]. Таҳияи бозиҳои компютерӣ.

**ГЕЙМ-ДИЗА́ЙНЕР**, [англ. game бозӣ + *дизайн*]. Таҳиягари бозиҳои компютерӣ.

**ГЕ́ЙМЕР**, [< англ. game бозӣ]. **1**. Бозигар. **2**. Ошиқи бозиҳои компютерӣ.

**ГЕ́ЙНЕР**, [англ. gainer]. Иловаи ғизоии иборат аз *карбогидратҳо* ва сафеда, ки варзишгарон барои калон кардани мушакҳояшон аз он истифода мекунанд.

**ГЕЙТ**, [англ. gate]. Моҷарои сиёсӣ.

**ГЕЙТОНОГА́МИЯ**, [< юн. geiton ҳамсоя + gamos ҷуфтшавӣ, издивоҷ]. *бот*. Гардолудшавии растанӣ бо гарде, ки ҳашарот ё бод аз аз як гул ба гули дигари он мебарад. || Мқс. клейстогамия, ксеногамия.

**ГЕ́ЙША**, [яп. гейся]. Дар Япония раққоса, мутриба, сарояндаи касбӣ, ки дар хонаи сарватмандон, инчунин дар чойхонаҳо ва базмхонаҳо ба меҳмонон хизмат мерасонад; ҷаҳонбинию дониши кофӣ дошта, дар мавзуъҳои гуногун сӯҳбат карда метавонад.

**ГЕКАТО́МБА**, [< юн. hekaton сад + bus барзагов]. **1**. Дар Юнони Қадим – маросими динии қурбонӣ кардани 100 сар барзагов, баъдҳо ҳама гуна қурбонии калон. **2**. *маҷ*. Қатли ом; якбора ҳалок шудани одамони бисёр дар ҷанг, террор, эпидемия ва ғ.

**ГЕККО́НҲО**, [< англ. gecko]. *зоол*. Ангуштгироҳо; оилаи калтакалосҳо, ки дарозии баданашон то 70 см буда, дар минтақаҳои гарму муътадили Нимкураи Шарқӣ зиндагӣ мекунанд (зиёда аз 700 намуд).

**ГЕКСА..., ГЕКСО...**, [< юн. hex шаш]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки ба адади «6» муносибат доштани он калимаҳоро ифода мекунад, мас., *гексахорд*.

**ГЕКСАГЕ́Н**, [< *гекса*... + ...*ген*]. *хим*. Як навъ моддаи тарканда.

**ГЕКСАГО́Н**, [< юн. hex шаш]. *геом*. Шашкунҷа.

**ГЕКСАМЕТИЛЕНДИАМИ́Н**, [< *гекса…* + *метилен* + *ди…* + *аминҳо*]. *хим.* Пайвастҳои органикӣ – кристаллҳои беранге, ки барои синтези *полиамидҳо*, *полиуретанҳо* ва ғ. истифода мешаванд.

**ГЕКСАМЕТИЛЕНТЕТРАМИ́Н**, [< *гекса…* + *метилен* + *тетра…* + *аминҳо*]. *хим.* Пайвастҳои органикӣ – кристаллҳои беранги ширине, ки ба сифати сахткунандаи зифҳои *феноло-формалдегидӣ*, ашёи хом барои синтези моддаҳои тарканда, инчунин сӯзишвории сахти бедуд истифода мешаванд; гексамин ё уротропин низ гӯянд.

**ГЕКСАХЛОРА́Н**, [< *гекса…* + *хлор*]. *хим.* Пайвасти органикие, ки шаш атоми хлор дорад; аз таъсири обу кислота вайрон намешавад; барои мубориза бо ҳашароти зараррасон (кирм, кана, магас ва ғ.) истифода мешавад.

**ГЕКСАХО́РД**, [< *гекса…* + chorda тор]. *мус.* Қатори шашдарачагии савт.

**ГЕКСАЭ́ДР**, [< *гекса…* + hedra тараф, паҳлу, қирра]. *геом.* Шашқирра, шашпаҳлӯ.

**ГЕКСО́Д**, [< *гекс(а)…* + *(электр)од*]. Чароғи электронии дорои 6 электрод; дар радиотехника барои табдили басомади лаппишҳо истифода мешавад.

**ГЕКСО́ЗҲО**, [< *гекс(а)…* + пасв. -оз]. *хим. Карбогидратҳои* одӣ (*моносахаридҳо*), ки молекулаашон 6 атоми карбон (*галактоза, глюкоза, фруктоза* ва ғ.) дорад.

**ГЕКТА́Р**, [< юн. hekaton сад + лот. area майдон]. Воҳиди масоҳат (майдон), ки ба 100 ар ё 10 000 метри мураббаъ баробар аст; бо ихтисораи «га» ифода мекунанд.

**ГЕКТО…**, [< юн. hekaton сад]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки сад, сад маротибаро ифода мекунад, мас., гектолитр, гектометр.

**ГЕКТО́ГРАФ**, [< юн. hekaton сад + *…граф*]. Одитарин дастгоҳи нусхабардор, ки ба воситаи он дастнависҳо, матнҳои чопӣ ва суратҳоро то сад нусха зиёд кардан мумкин аст.

**ГЕЛ (ГЕЛЬ)**, [< лот. gelu сармо, ях]. *хим., тех.* Навъе аз *коллоидҳо* – массаи ғализе, ки баъзе хосиятҳои ҷисмҳои сахтро доро мебошад (мас., шакл ё чандирии худро нигоҳ медорад).

**ГЕЛЕ́ПОЛ (ГЕЛЕПО́ЛЬ)**, [< юн. қад.]. *кӯҳна., ҳарб.* Манораи чӯбини сайёри бисёрқабата, ки ҳангоми муҳосираи қалъа истифода мешуд; онро рӯ-рӯйи ғӯлачӯбҳо бо ёрии фишангҳо тела дода, аз як ҷой ба ҷойи дигар мебурданд; сарбозон ва манҷаниқҳо дар қабатҳои болоӣ ҷойгир мешуданд.

**ГЕЛЕ́РТЕР,** [ол. Gelehrter]. Шахсе, ки дониши китобӣ дорад, олимтарошӣ мекунад, аммо аз ҳаёт, аз фаъолияти амалӣ ва илми пешқадам дур аст. || Мқс. схоласт.

**ГЕ́ЛИЙ**, [лот. Helium < юн. helios Офтоб]. *хим.* Элементи химиявӣ – гази беранг ва бебӯйи хеле сабук (баъди гидроген); рамзаш He; дар соҳаҳои ҳавопаймоӣ (барои пур кардани кураҳои ҳавоӣ), радиотехника, тиб, ғаввосӣ ва ғ. истифода мешавад; Г. дар кайҳон, мас., дар Офтоб бисёр аст ва номаш аз ҳамин ҷост.

**ГЕЛИКО́Н**[1], [юн. Helikon]. Кӯҳе дар Юнон, ки мувофиқи устураҳо дар он ҷо олиҳаҳо ва *Аполлон* мезистаанд.

**ГЕЛИКО́Н**[2], [ол. Helikon]. **1**. *мус*. Карнайи ҳалқашакли мисин. || Мқс. валторн, горн, саксофон, тромбон. **2**. *физ*. Мавҷи электромагнитии басомадаш паст, ки дар металлҳо ва нимноқилҳо ҳангоми дар майдони магнитии доимӣ ҷой додани онҳо пайдо мешавад.

**ГЕЛИКО́ПТЕР**, [< юн. helix давр задан + pteron бол]. Чархбол. || Мқс. вертолёт.

**ГЕЛИО**…, [< юн. helios Офтоб]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки бо офтоб, нурҳои офтоб муносибат доштани он калимаҳоро ифода мекунад., мас., *гелиотерапия*.

**ГЕЛИО́ГРАФ**, [< *гелио… + …граф*]. **1**. Асбоб барои ба қайд гирифтани давомнокии тобиши Офтоб дар давоми рӯз. **2**. *астр*. Асбоби астрономӣ (*телескоп*) барои гирифтани сурати Офтоб.

**ГЕЛИОДО́Р**, [< юн. helios Офтоб]. *маъд*. Як навъ ёқути зард, санги қиматбаҳои дараҷаи 2.

**ГЕЛИОКОНСЕНТРА́ТОР (ГЕЛИОКОНЦЕНТРА́ТОР)**, [< *гелио… + консентратор*]. Асбоб барои 100 – 10 000 маротиба зиёдтар намудани зичии энергияи афканишоти офтоб барои гарм кардани об, ҳаво ва ғ.; аз якчанд оина ё линза иборат аст, ки бо ёрии онҳо нурҳои офтоб дар як нуқта ҷамъ карда мешаванд.

**ГЕЛИО́МЕТР**, [< *гелио… + …метр*]. *астр*. Асбоби астрономӣ барои чен кардани қутри намоёни Офтоб ва дигар ҷирмҳои осмонӣ, инчунин масофаҳои хурди кунҷии байни ситораҳо. || Мқс. армилла, астролябия.

**ГЕЛИОМОБИ́Л**, [< *гелио… + автомобил*]. Воситаи нақлиёте, ки аз ҳисоби энергияи дар батареяҳои офтобӣ ҷамъшуда ҳаракат мекунад.

**ГЕЛИОС, ГЕ́ЛИЙ**, [юн. қад. helios Офтоб]. Дар асотири юнониёни қадим – худои Офтоб; ба одамон ҳаёт мебахшад, ҷинояткоронро кӯр мекунад, аз баландӣ ба аъмоли худоён наззора мекунад.

**ГЕЛИОСЕНТРӢ**, [< *гелио*… + лот. centrum марказ]. *астр*. **1**. Системаи гелиосентрӣ – таълимоти Николай Коперник (1473 – 1543) дар бораи он ки маркази Коинот Офтоб аст ва ҳамаи сайёраҳо дар гирди он давр мезананд. **2**. Координатаҳои гелиосентрӣ – координатаҳое, ки мавқеи ҷирмҳои осмониро нисбати маркази Офтоб муайян мекунанд.

**ГЕЛИОТА́КСИС**, [< *гелио… + таксис*]. *биол*. Ҳаракати микроорганизмҳо, ҳайвонот ва растаниҳои содатарин (мас., обсабзҳо) ба тарафи рӯшноии офтоб ё аз тарафи рӯшноии офтоб ба тарафи муқобил.

**ГЕЛИОТЕРАПИ́Я**, [< *гелио… + терапия*]. *тиб*. Офтобдармонӣ; обутоб додани бадан ё табобати баъзе бемориҳо (мас., бемориҳои пӯст, баъзе шаклҳои сил ва ғ.) бо нурҳои рости офтоб.

**ГЕЛИОТЕ́ХНИКА**, [< *гелио… + техника*]. *тех*. Соҳаи техника, ки бо табдил додани энергияи нурҳои офтоб ба намуди дигари энергия ва бо мақсадҳои гуногун истифода бурдани он машғул аст.

**ГЕЛИОТРО́П**, [< *гелио…* + юн. tropos тараф, самт]. **1**. *геод*. Асбобе, ки дар оинаи мусаттаҳи он нурҳои офтоб аз як нуқтаи геодезӣ ба нуқтаи дигар инъикос ва интиқол меёбанд. **2**. *маъд*. Яке аз намудҳои ақиқ; санги ороишии нимшаффофе, ки ҷо-ҷо доғҳои сабзу сурх дорад. **3**. *бот*. Як навъ гиёҳи буттагие, ки дар минтақаҳои гарм мерӯяд (тақр. 220 намуд); дар таркибаш *гелиотропин* дорад, бинобар ин дар саноати атторӣ истифода мешавад.

**ГЕЛИОТРОПИ́ЗМ**, [< *гелио… + тропизм*]. *бот*. Ҳаракати узвҳои растанӣ бо таъсири нурҳои офтоб, мас., офтобпараст.

**ГЕЛИОТРОПИ́Н**, [< *гелиотроп*]. Моддаи беранг ва хушбӯи органикие, ки дар таркиби баъзе растаниҳо, мас., дар гулҳои *гелиотроп* вуҷуд дорад; дар саноати атторӣ ва хӯрокворӣ истифода мешавад.

**ГЕЛИОФИ́ЗИКА**, [< *гелио… + физика*]. *физ*. Соҳаи астрофизика, ки ҳодисаҳои дар Офтоб рухдиҳандаро меомӯзад.

**ГЕЛИОФИ́ЛҲО**, [< *гелио… + …филҳо*]. *биол*. Ҷонварону растаниҳои офтобдӯст.

**ГЕЛИОФИ́ТҲО**, [< *гелио… + …фитҳо*]. *бот*. Растаниҳои равшанидӯст, мас., сафедор, булут.

**ГЕЛИОФО́БҲО**, [< *гелио… + …фобҳо*]. *бот*. Растаниҳое, ки офтобро нағз намебинанд; офтобтарсҳо; растаниҳои соядӯст.

**ГЕЛИОЭНЕРГЕ́ТИКА**, [< *гелио… + энергетика*]. Соҳаи энергетика, ки бо истифодаи қувваи нурҳои офтоб робита дорад. || Мқс. гелиотехника.

**ГЕЛВЕТӢ (ГЕЛЬВЕТӢ)**, [< лот. helveticus]. Швейтсарӣ; мансуб ба Швейтсария.

**ГЕЛВЕ́ТҲО (ГЕЛЬВЕ́ТҲО)**, [< лот. Helvetii]. Қабилаҳои келтӣ, ки дар асрҳои охирини пеш аз милод то оғози милод дар қисми шимолу ғарбии Швейтсарияи имрӯза зиндагӣ мекарданд.

**ГЕЛВЕ́ТСИЯ (ГЕЛЬВЕ́ЦИЯ)**, [< лот. Helvetia]. Номи лотинии Швейтсария.

**ГЕЛМИНТОЗООНО́ЗҲО (ГЕЛЬМИНТОЗООНО́ЗҲО)**, [< юн. helmins кирм, гиҷҷа]. *Гелминтозҳое*, ки барангезандагонашон ҳам дар бадани одам ва ҳам дар бадани ҳайвонот муфтхӯрӣ мекунанд.

**ГЕЛМИНТО́ЗҲО (ГЕЛЬМИНТО́ЗҲО)**, [< юн. helmins кирм, гиҷҷа]. *байт., тиб, бот*. Як қатор бемориҳои одам, ҳайвонот ва растаниҳо, ки дар натиҷаи ба организм ворид гардидан ва дар он афзоиш ёфтани кирмҳои муфтхӯр – *гелминтҳо* (гиҷҷаҳо) пайдо мешаванд.

**ГЕЛМИНТОЛО́ГИЯ (ГЕЛЬМИНТОЛО́ГИЯ)**, [< *гелминтҳо…* + *…логия*]. Гиҷҷашиносӣ; илм дар бораи кирмҳои муфтхӯр ва бемориҳои аз ин кирмҳо пайдошаванда.

**ГЕЛМИНТОСПОРИО́ЗҲО (ГЕЛЬМИНТОСПОРИО́ЗҲО)**, [< лот. helminthosporium]. *бот.* Бемории растаниҳо, ки барангезандагони он замбуруғҳои навъи гелминтоспориум мебошанд; дар баргу меваҳо доғҳои сафед пайдо шуда, решаву танаи растанӣ мепӯсад.

**ГЕЛМИ́НТҲО (ГЕЛЬМИ́НТҲО)**, [< юн. helmins кирм, гиҷҷа]. *биол, зоол.* Кирмҳои ангал; барангезандагони бемориҳои (*гелминтозҳои*) одам, ҳайвонот ва растанӣ; гелминтҳои одам ва ҳайвонотро гиҷҷа меноманд.

**ГЕЛОТОТЕРАПИ́Я**, [лот. gelototherapia]. *тиб.* Хандадармонӣ; муолиҷаи баъзе бемориҳо ба воситаи хандондани бемор.

**ГЕЛОФИ́ТҲО**, [< юн. helos ботлох + *…фитҳо*]. *бот.* Растаниҳои ботлохӣ. || Мқс. гигрофитҳо.

**ГЕМ**, [< юн. haima хун]. *физиол.* Қисми бесафедаи *гемоглобин*; ба таркибаш оҳани дувалента дохил мешавад, ки он *оксид* шуда, ба *гематин* табдил меёбад.

**ГЕМ…, ГЕМО…**, [< юн. haima хун]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки ба хун муносибат доштани он калимаҳоро ифода мекунад, мас., *гемоглобин.*

**ГЕМАГГЛЮТИНА́ТСИЯ (ГЕМАГГЛЮТИНА́ЦИЯ)**, [< *гемо…* + лот. agglutinatio ширеш кардан, часпондан]. *физиол.* Часпида, таҳшин шудани *эротрисидҳои* ҳалнашудаи хун бо таъсири подтанҳо, бактерияҳо, вирусҳо ва ғ.

**ГЕМАГГЛЮТИНИ́НҲО**, [*гемо…* + лот. agglutinatio ширеш кардан, часпондан]. *физиол.* Подтанҳое, ки *гемагглютинатсияро* ба вуҷуд меоранд.

**ГЕМАНГИО́МА**, [*гем…* + *ангио…* + *…ома*]. *тиб.* Яке аз намудҳои *ангиома* – омоси некфарҷом (безарар), ки аз рагҳои хун иборат аст. || Мқс. аденома, атерома, бластома, миелома.

**ГЕМАРТРО́З**, [*гемо…* + юн. arthron буғум]. Хуншорӣ дар ковокии буғум. || Мқс. гематомиелия.

**ГЕМАТИ́Н**, [< юн. haima хун]. *физиол. Пигменти* оҳандори хун, маҳсули оксидшавии *гем.*

**ГЕМАТИ́Т**, [< юн. haima хун]. *маъд.* Минералест иборат аз оксиди оҳан ($Fe_2O_3$) ва омехтаи оксидҳои титан, алюминий, марганетс ва металлҳои диг.; аз Г. оҳан ҳосил мекунанд.

**ГЕМАТО…**, [< юн. haima хун]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки хунро ифода мекунад.

**ГЕМАТОГЕ́Н**, [< *гемато…* + *…ген*]. Доруест, ки аз хуни чорво, қанд ва спирт тайёр мекунанд; барои муолиҷаи камхунӣ, заъфи бадан, бемадорӣ истифода мешавад.

**ГЕМАТОКРИ́Т**, [< юн. haima  хун + kritikos муайянкунанда]. *физиол.* **1**. Асбобест иборат аз найчаи U-шакл, ки сӯрохи борик дорад; барои муайян кардани таносуби ҳаҷми плазмаи хун ва ҳуҷайраҳои дар он вуҷуддошта истифода мешавад. **2**. Худи ҳамин таносуб.

**ГЕМАТОКСИЛИН**, [< юн. haima  хун + xylon чӯб]. *хим*. Моддаи рангкунандае, ки аз чӯби *кампеш* ном дарахт ҳосил мекунанд; ҳангоми кор бо заррабин барои ранг кардани бофтаҳои растанӣ ва ҷонварон истифода мешавад.

**ГЕМАТОЛО́ГИЯ**, [< *гемо…* + *…логия*]. *тиб*. Хуншиносӣ; соҳаи тиб, ки таркиб ва хусусиятҳои хун, кори узвҳои хунофар, инчунин бемориҳои хунро таҳқиқ мекунад.

**ГЕМАТО́МА**, [< *гемо…* + *…ома*]. *тиб*. Хуномос; дар бофтаҳо ба дараҷаи маҳдуд ҷамъ шудани хун дар натиҷаи хунравӣ ҳангоми кафидани раги хунгард; Г. дар зери пӯст, устухонпарда, мушакҳо, луобпардаҳо ва ғ. пайдо мешавад.

**ГЕМАТОМИЕЛИ́Я**, [< юн. haima  хун + myelos ҳароммағз]. *тиб*. Хунравӣ дар бофтаҳои ҳароммағз.

**ГЕМАТУРИ́Я**, [< юн. haima  хун + uron пешоб]. *тиб*. Бо пешоб хориҷ шудани хун (пешоби хунолуд) ҳангоми бемориҳои гурда, роҳҳои пешоб ва ғ.

**ГЕМЕЛЛОЛО́ГИЯ**, [< лот. gemellus ҷуфт + *…логия*]. *тиб*., *биол*. Дугоникшиносӣ; соҳаи тиб ва биология, ки пайдоиши дугоникҳо, монандӣ, фарқият ва хусусиятҳои генетикӣ, морфологӣ, психологӣ ва физиологии онҳоро меомӯзад.

**ГЕМЕРАЛО́ПИЯ**, [< юн. hemera рӯз + alaos нобино + ops чашм]. *тиб*. Шабкӯрӣ; дида натавонистан дар торикӣ ё нимторикӣ; дар натиҷаи нарасидани витаминҳои А ва $B_2$ (*рибофлавин*) пайдо мешавад.

**ГЕМИ…**, [< юн. hemi…]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки маънои «ним», «нисф»-ро ифода мекунад, мас., *гемипарез.*

**ГЕМИАНЕСТЕЗИ́Я**, [< *геми…* + *анестезия*]. *тиб*. Беҳисшавии нисфи бадан.

**ГЕМИАНОПСИ́Я**, [< юн. hemi ним + an не + ops чашм]. *тиб*. Нимкӯрӣ; гум шудани нисфи майдони босира дар натиҷаи кафидани рагҳои мағзи сар, омоси мағзи сар, зарб хӯрдани косахонаи сар ва ғ. || Мкс. гемиопия.

**ГЕМИАТРОФИ́Я**, [< *геми…* + *атрофия*]. *тиб*. Пажмурда шудан, карахт шудан, беҳис шудан, мурдан ё хурд шуда аз кор баромадани нисфи бадан ё нисфи ягон узви бадан.

**ГЕМИКРАНИ́Я**, [< *геми…* + юн. kranion косахонаи сар]. *тиб*. Дарди нимсара (ниг. мигрен).

**ГЕМИКРИПТОФИ́ТҲО**, [< *геми…* + *криптофитҳо*]. *бот*. Растаниҳои бисёрсолае, ки қисми рӯизаминиашон дар фаслҳои сармо ё гармо хушк шавад ҳам, аммо муғчаҳои нашвашон дар сатҳи замин, дар таги барф ё растаниҳои дигар «пинҳон шуда», зинда мемонанд.

**ГЕМИКСЕРОФИ́ТҲО**, [< *геми…* + *ксерофитҳо*]. *бот*. Растаниҳое, ки ба иқлими хушк одат кардаанд, вале тоби беобии дурудароз надоранд; решаашон дароз буда, ба обҳои зеризаминӣ рафта мерасад, мас., мармарак (баҳмани сурх), янтоқ ва ғ.

**ГЕМИ́Н**, [< юн. haima  хун]. *физиол*. Хлориди гематин – моддае, ки ҳангоми ба якдигар таъсир расондани гемоглобин ва кислотаи намак ҳосил мешавад; дар ташхиси криминалистӣ барои ошкор намудани изҳои хун дар либос ё ашёи дигар истифода мешавад.

**ГЕМИПАРЕ́З**, [< *геми…* + *парез*]. *тиб*. Нимфалаҷ; фалаҷи нопурраи нисфи бадан; суст шудани ҳаракати озоди нисфи бадан. || Мқс. гемиплегия.

**ГЕМИПЛЕГИ́Я**, [< *геми…* + юн. plege зарба]. *тиб*. Фалаҷи пурраи нисфи бадан; пурра қатъ гардидани ҳаракати озодонаи нисфи бадан дар натиҷаи инсулт, омоси мағзи сар ва бемориҳои диг. || Мқс. гемипарез.

**ГЕМИСФЕ́РА**, [< *геми…* + *сфера*]. **1**. *анат*. Нимкураи мағз ё мағзчаи сар. **2**. *астр*. Нимкураи Замин ё нимкураи ҷирмҳои осмонӣ.

**ГЕ́ММА**, [лот. gemma]. *маъд*. **1**. Як навъ санги қиматбаҳо; дур, марворид. **2**. Нуқрасанг; санги қиматбаҳое, ки дар вай хат ё суратканда шудааст.

**ГЕММОЛО́ГИЯ**, [лот. gemma + *…логия*]. *маъд*. Соҳаи минералшиносӣ, ки сангҳои қиматбаҳо ва ороиширо таҳқиқ мекунад; дуршиносӣ.

**ГЕМО**…, [< юн. haima  хун]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки бо хун муносибат доштани он калимаҳоро ифода мекунад, мас., *гемоглобин*.

**ГЕМОГЛОБИ́Н**, [< *гемо…* лот. globus  кура]. *физиол*. Моддаи сурхкунандаи хуни одам ва ҳайвонот, ки ба таркиби зарраҳои сурхи хун (*эритроситҳо*) дохил мешавад; оксигенро аз узвҳои нафаскашӣ (мас., шуш) ба бофтаҳо ва гази ангидриди карбонро аз бофтаҳо ба узвҳои нафаскашӣ интиқол медиҳад.

**ГЕМОГЛОБИНЕМИ́Я**, [< *гемоглобин*]. *тиб*. Дар плазмаи хун зиёд шудани миқдори *гемоглобини* озод, аломати *гемолиз*. || Мқс. анемия.

**ГЕМОГЛОБИНО́З**, [< *гемоглобин*]. *тиб*. Гурӯҳи бемориҳои ирсӣ, ки аз сабаби дар эритроситҳо вуҷуд доштани гемоглобини нуқсондор пайдо мешаванд.

**ГЕМОГЛОБИНОМЕ́ТР**, [< *гемоглобин* + *…метр*]. Ниг. *гемометр*.

**ГЕМОГЛОБИНОПА́ТИЯ**, [< *гемоглобин* + *…патия*]. *тиб*. Ниг. *гемоглобиноз*.

**ГЕМОГЛОБИНУРИ́Я**, [< *гемоглобин* + юн. uron пешоб]. *тиб*. Дар пешоб зиёд шудани миқдори *гемоглобини* озод, аломати *гемолиз*; ҳангоми заҳролудшавӣ, камхунӣ ва баъзе бемориҳои сироятӣ пайдо мешавад. || Мқс. албуминурия, гематурия.

**ГЕМОГРА́ММА**, [< *гемоглобин* + *…грамма*]. Бо низоми муайян сабт намудани таркиби хун барои муайян кардани миқдори ҳуҷайраҳои гуногуни дар хун мавҷудбуда ва хусусиятҳои онҳо.

**ГЕМОДИА́ЛИЗ**, [< *гемоглобин* + *…диализ*]. *тиб.* Табобати баъзе иллатҳои музмин ва шадиди гурда бо ёрии дастгоҳи «гурдаи сунъӣ».

**ГЕМОДИНА́МИКА**, [< *гемоглобин* + *…динамика*]. *тиб.* Ҳаракати хун бо рагҳо; гардиши хун; хунгардиш.

**ГЕМОДИНАМО́МЕТР**, [< *гемо…* + *динамометр*]. *кӯҳна.* Асбоб барои муайян кардани фишори хун; фишорсанҷ.

**ГЕМО́ЛИЗ**, [< *гемо…* + *…лиз*]. *тиб.* Вайроншавии зарраҳои сурхи хун (*эритроситҳо*) ва аз онҳо ҷудо шудани гемоглобин; ба пайдошавии санги талха бурда мерасонад.

**ГЕМОЛИЗИ́НҲО**, [< *гемолиз*]. *хим., биол.* Моддаҳое, ки боиси пайдошавии *гемолиз* мегарданд, мас., сапонинҳо.

**ГЕМО́МЕТР**, [< *гемо…* + *…метр*]. *тиб.* Асбоб барои муайян намудани миқдори *гемоглобин* дар хун.

**ГЕМОПАРАЗИ́ТҲО**, [< *гемо…* + *паразитҳо*]. *зоол., тиб.* Организмҳои якҳуҷайрагие, дар хуни ҳайвоноти мӯҳрадор ва одам муфтхӯрона зиндагӣ карда, як қатор бемориҳо, мас., пироплазмоз, гемоспиридиоз, вараҷа ва ғ.-ро ба вуҷуд меоранд.

**ГЕМОПЕРИКА́РД**, [< *гемо…* + лот. pericardium ғилофи дил]. *тиб.* Дар ковокии *перикард* (ғилофи дил) ҷамъ шудани хун.

**ГЕМОПЕРИТО́НЕУМ**, [< *гемо…* + лот. peritoneum пардаи шикам]. *тиб.* Дар ковокии шикам ҷамъ шудани хун.

**ГЕМОПОЭ́З**, [< *гемо…* + юн. poiesis офаридан]. *физиол.* Хунофарӣ; раванди бефосилаи ҳосилшавии хун дар организми одам ва ҳайвонот, ки узвҳои хунофар – мағзи устухон, ғадудҳои лимфавӣ, сипурз ва ғ. иҷро мекунанд.

**ГЕМОРРАГИ́Я**, [< юн. haimorragia]. *тиб.* Хунравӣ аз рагҳо ҳангоми кафидани онҳо.

**ГЕМОРРАГӢ,** [< *геморрагия*]. *тиб.* Мансуб ба *геморрагия*; в а р а ҷ а и  г е м о р р а г ӣ – гурӯҳи бемориҳои вирусие, ки бо хунравии ҷузъӣ, дарди сар ва мушакҳо, бехобӣ зоҳир мегардад; ба одам аз хояндаҳо ва канаҳо мегузарад; д и а т е з и  г е м о р р а г ӣ – гурӯҳи бемориҳое, ки нишонаи умумиашон хунравӣ мебошад; аз нарасидани *тромбоситҳо*, лахташавии хун, харобшавии девори рагҳо ва ғ. пайдо мешавад; к а п и л л я р о т о к с и к о з и  (в а с к у л и т и)  г е м о р р а г ӣ – бемории аллергии рагҳо, ки пӯст, буғумҳо, узвҳои ҳозима ва гурдаро хароб менамояд.

**ГЕМОРРО́Й**, [< юн. haimorrois]. *тиб.* Бавосир; васеъ ва гиреҳшакл гардидани рагҳои вариди қисми поёнии рӯдаи рост; гиреҳҳо баъзан варам карда, ба мақъад фишор меоранд, аз онҳо хун меравад.

**ГЕМОСИТОБЛА́СТҲО**, [< *гемо…* + юн. kytos ҳуҷайра + blaste неш]. *физиол.* Ҳуҷайраҳои узвҳои хунофари одам ва ҳайвон, ки аз онҳо ҳуҷайраҳои сурх ва сафеди хун – *эритроситҳо* ва *лейкоситҳо* ба вуҷуд меоянд.

**ГЕМОСПОРИ́ДҲО**, [< *гемо…* + юн. spora тухм]. *тиб., физиол.* Организмҳои содатарин, ки дар *эритросидҳо* ё ҳуҷайраҳои *эндотелияи* рагҳои ҳайвонот ва одам муфтхӯрона зиндагӣ карда, боиси вараҷа ва бемориҳои диг. мегарданд.

**ГЕМОСТА́З**, [< *гемо…* + юн. stasis бозистодан, манъ шудан]. *тиб.* **1**. Қатъ гардидани ҳаракати худ дар рагҳо. || Мқс. гемодинамика. **2**. Манъ шудани хунравӣ (дар вақти ҷарроҳӣ, маҷрӯҳшавӣ ва ғ.).

**ГЕМОТЕРАПИ́Я**, [< *гемо…* + *терапия*]. *тиб.* Бо мақсади табобат ба организм фиристодани хуни худи бемор ё хуни донорӣ, унсурҳои он – *плазма*, массаҳои эритроситӣ, лейкоситӣ ва тромбоситӣ ё доруҳои аз хун тайёршуда, мас., *гематоген*.

**ГЕМОТОКСИ́НҲО**, [< *гемо…* + *токсинҳо*]. *биол.,тиб.* Моддаҳои наботӣ, ҳайвонӣ ё микробӣ, ки *гемолизро* ба вуҷуд меоранд.

**ГЕМОТО́РАКС**, [< *гемо…* + юн. thorax сина]. *тиб.* Дар ковокии *плевра* (пардаи шуш) ҷамъ шудани хун; дар натиҷаи хунравии дохилӣ ҳангоми осеби пӯшида ё кушодаи сина, саратони шуш, сил ва бемориҳои диг. ба вуҷуд меояд.

**ГЕМОТРАНСФУЗИОЛО́ГИЯ**, [< *гемотрансфузия…* + *…логия*]. *тиб.* Соҳаи тиб, ки бо масъалаҳои хунгузаронӣ, инчунин гузарондани ҷузъҳои хун (мас., *плазма*) машғул аст.

**ГЕМОТРАНСФУ́ЗИЯ**, [< *гемо…* + *трансфузия*]. *тиб.* Хунгузаронӣ (одатан ба раги вариди даст); усули табобат бо роҳи гузарондани хун, ҷузъҳои он, инчунин ивазкунандагони хун ҳангоми талафи зиёди хун, бемориҳои хун ва бемориҳои диг.

**ГЕМОФИЛИ́Я**, [< *гемо…* + *…филия*]. Бемории ирсии хунравӣ, ки сабабаш лахташавии сусти хун мебошад; бештар бо мардҳо рӯй медиҳад.

**ГЕМОФТА́ЛМ**, [< *гемо…* + юн. ophthalmos чашм]. *тиб.* Дар ковокии ғӯзаи чашм ҷамъ шудани хун бо сабаби осеб ёфтани чашм, баландфишорӣ, диабети қанд ва бемориҳои диг.

**ГЕМОХРОМАТО́З**, [< *гемо…* + юн. chromatos ранг]. *тиб.* Бемории ирсӣ, ки боиси вайроншавии мубодилаи оҳан ва аз роҳи ҳозима бисёр ҷаббида шудану дар бофтаҳо таҳшин гаштани он мешавад; ба Г. фақат мардҳо гирифтор мешаванд.

**ГЕМЭРИТРИ́Н**, [< *гемо…* + *эритрин*]. Сафедаи оҳандор; *пигменти* нафаскашии баъзе ҳайвоноти бемӯҳраи баҳрӣ, ки барои интиқоли оксиген хизмат мекунад.

**ГЕН**, [< юн. genos насл, пайдоиш]. Воситаи моддии интиқоли ирсият, ки аз насл ба насл гузаштани ин ё он аломати одӣ ё хусусияти организмро таъмин мекунад; дар организмҳои дараҷаи олӣ ба таркиби *хромосомаҳо* дохил мешавад; маҷмуи ҳамаи генҳои организмро *генотип* меноманд; истилоҳи «ген»-ро аввалин маротиба олими даниягӣ В. Иогансен соли 1908 ба илм дохил кардааст.

**…ГЕН**, [< юн. genos насл, пайдоиш]. Қисми калимаҳои мураккаб, ки зодаи чизе будан, аз чизе ба вуҷуд омадан ё ба вуҷуд овардани чизеро ифода мекунад; баъзан ба «зо»-и тоҷикӣ мувофиқ меояд, мас., *гидроген* - обзо.

**ГЕ́НДЕР**, [< англ. gender ҷинс]. Тафовути одамон аз рӯйи ҷинс; ҷинси иҷтимоӣ, нақшҳои дар ҷомеа муқарраршуда, айният ва тафовути соҳаҳои фаъолияти мардҳо ва занҳо, ки на аз тафовутҳои ҷинсии биологӣ, балки аз сохтори иҷтимоии ҷомеа вобастаанд.

**ГЕНДЕРӢ**, [< англ. gender ҷинс]. Баробарҳуқуқии гендерӣ – баробарҳуқуқии марду зан; мақоми гендерӣ – мақоми иҷтимоии одам вобаста ба ҷинси ӯ (дар сотсиология).

**ГЕНЕАЛО́ГИЯ**, [< юн. genealogia насабшиносӣ, аслшиносӣ]. **1**. Соҳаи илми таърих, ки насабу шаҷараҳоро меомӯзад; насабшиносӣ, шаҷарашиносӣ, аслшиносӣ. **2**. Шаҷара; насабнома; таърихи аҷдод; сабти шаҷара; шаҷаранависӣ.

**...ГЕНЕЗ, ...ГЕНЕЗИС, ...ГЕНИЯ**, [< юн. genesis пайдоиш]. Қисми калимаҳои мураккаб, ки пайдоиш, тавлид, ба вуҷуд омадан, ташаккул ёфтани чизеро ифода мекунад, мас., *гистогенез*, *кансерогенез*.

**ГЕ́НЕЗИС, ГЕНЕ́З**, [< юн. genesis пайдоиш]. Тавлид, пайдоиш, ба вуҷуд омадан, раванди пайдоиш ва инкишофи минбаъдаи чизе.

**ГЕНЕРА́Л**, [лот. generalis умумӣ, асосӣ]. *ҳарб*. Рутбаи ҳарбӣ дар қувваҳои мусаллаҳ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (милитсия, политсия ва ғ.); аввалин маротиба дар асри XVI дар армияи Фаронса пайдо шудааст; дар СССР рутбаҳои Г.-майор, Г. –лейтенант, Г.-полковник, Г.-и армия вуҷуд доштанд ва ҳоло дар аксарияти мамлакатҳои ИДМ ин рутбаҳо боқӣ мондаанд.

**ГЕНЕРА́Л-АДМИРА́Л**, [*генерал* + *адмирал*]. *ҳарб*. Рутбаи олии ҳарбии баҳрӣ дар империяи Россия аз с. 1708, ки бо рутбаи генерал-фелдмаршали қувваҳои хушкигард мувофиқ меояд.

**ГЕНЕРА́Л-АДЪЮТА́НТ**, [*генерал* + *адъютант*]. *ҳарб*., *таър*. **1**. Дар Россияи асри XVIII – *адъютант* дар назди император, *фелдмаршал* ва ғ. **2**. Аз аввали асри XIX унвони фахрие, ки ба генералҳо (адмиралҳо) ва генерал-лейтенантҳо (ноиби адмиралҳо)-и аҳли рикоби император дода мешуд.

**ГЕНЕРА́Л-БАС**, [лот. generalis умумӣ, асосӣ + *бас*]. *мус*. Бами рақамӣ ё бассо континуо; дар нотанависӣ – усули бо рақам ифода намудани *аккордҳое*, ки овози асосиро ҳамроҳӣ мекунанд; рақамҳо дар зери овози пасттарин (*бам*) навишта мешаванд.

**ГЕНЕРА́Л-ГУБЕРНА́ТОР**, [*генерал* + *губернатор*]. **1**. Дар Россияи подшоҳӣ – ҳокими асосии тамоми кишвар ё якчанд губерния, мас., Г.-г.-и Туркистон; Г.-г. дорои ҳокимияти маъмурӣ ва ҳарбӣ буд. **2**. Шахси мансабдор – намояндаи шоҳи Англия дар давлатҳои дохили Иттиҳоди Британия, ки шоҳи Англияро чун сардори давлат эътироф мекарданд.

**ГЕНЕРА́Л-ГУБЕРНАТОРӢ**, [< *генерал* + *губернатор*]. Воҳиди маъмурию ҳудудӣ дар империяи Россия аз с. 1775 то с. 1917, ки як ё якчанд губерния ё вилоятро дар бар мегирифт; аз тарафи *генерал-губернатор* идора карда мешуд.

**ГЕНЕРА́Л-ПРОКУРО́Р**, [*генерал* + *прокурор*]. Дар империяи Россия – мансабдори олимартаба, сардори сенат ва вазири адлия.

**ГЕНЕРА́Л-ФЕЛДМА́РШАЛ (ГЕНЕРА́Л-ФЕЛЬДМА́РШАЛ)**, [*генерал* + *фелдмаршал*]. Рутбаи олии ҳарбии қувваҳои хушкигард дар армияи Россияи подшоҳӣ ва армияи баъзе мамлакатҳои диг.

**ГЕНЕРАЛИЗА́ТСИЯ (ГЕНЕРАЛИЗА́ЦИЯ)**, [< лот. generalis умумӣ, асосӣ]. **1.** *фалс.* Умумикунонӣ; гузариши мантиқӣ аз ҷузъ ба кулл; тобеъ кунондани зуҳуроти ҷузъӣ ба принсипи умумӣ. **2**. *тиб.* Паҳншавии бемории дар аввал маҳдудбуда ба тамоми узв ё организм. **3**. *геод.* Раванди интихоб ва умумгардонии муҳтаво ҳангоми тартиб додани харитаи географӣ мувофиқи таъйиноти харита, мавзуи он ва имкониятҳои *масштаб*.

**ГЕНЕРАЛИ́ССИМУС**, [лот. generalissimus аз ҳама калон]. *ҳарб.* Рутбаи олитарини ҳарбӣ ва шахсе, ки чунин рутба дорад; аввалин маротиба соли 1569 дар Фаронса таъсис ёфтааст; рутбаи Г. одатан ба он лашкаркашоне дода мешавад, ки дар вақти ҷанг ба якчанд армия фармондеҳӣ карда, ғалабаҳои калон ба даст овардаанд.

**ГЕНЕРАЛИТЕ́Т**, [< лот. generalis умумӣ, асосӣ]. *ҳарб.* Ҳайати олии фармондеҳии қувваҳои мусаллаҳ, ки одатан аз генералҳо иборат аст.

**ГЕНЕРАЛӢ**, [< лот. generalis умумӣ, асосӣ]. **1**. Асосӣ, калон, пешбар, мас., директори генералӣ, котиби генералӣ; п р о к у р о р и г е н е р а л ӣ – солҳои 1946 – 1991 роҳбари Прокуратура дар СССР ва сипас роҳбари прокуратура дар давлатҳои ИДМ; ш т а б и г е н е р а л ӣ – мақоми олии идоракунии қувваҳои мусаллаҳи давлат. **2**. Умумӣ, миқёсан васеъ, фарогир, мас., нақшаи Г., таъмири Г.

**ГЕНЕРАТИВӢ**, [< лот. generare тавлид кардан, истеҳсол намудан]. *биол.* Тавлидкунанда, наслофар; ҳ у ҷ а й р а ҳ о и г е н е р а т и в ӣ – ҳуҷайраҳои ҷинсӣ; у з в ҳ о и г е н е р а т и в ӣ – узвҳои афзоиши ҷинсӣ.

**ГЕНЕРАТОР**, [лот. generator тавлидкунанда, ҳосилкунанда]. *тех.* Ҷиҳоз ё дастгоҳ барои ҳосил намудани маҳсулот ё энергия, инчунин барои табдил додани як намуди энергия ба намуди дигари он.

**ГЕНЕРА́ТСИЯ (ГЕНЕРА́ЦИЯ)**, [лот. generatio ҳосилшавӣ, таваллудёбӣ]. **1**. *биол.* Тавлид; пайдоиш, мас., Г.-и ҳуҷайраҳои нав. **2**. *биол.* Насл, авлод, пушт. **3**. *физ., тех.* Ҳосил кардан, ба вуҷуд овардан, мас., Г.-и қувваи электр.

**ГЕНЕ́ТИКА**, [< юн. genetikos мансуб ба тавлид, пайдоиш]. Илм дар бораи қонуниятҳои ирсият ва тағйирпазирии организмҳо.

**ГЕНЕТИКӢ**, [< *генетика*]. Мансуб ба генетика; р а м з и г е н е т и к ӣ – низоми «сабт»-и иттилооти ирсӣ дар молекулаҳои кислотаҳои нуклеинӣ дар шакли нуклеотидҳои паиҳам ҷойгиршуда; барои ҳамаи мавҷудоти зинда хос аст; и т т и л о о т и г е н е т и к ӣ – барнома дар бораи таркиб, сохт ва хосиятҳои моддаҳои организм, ки аз наслҳои пешин (аҷдод) гирифта, дар сохторҳои ирсии организм дар шакли маҷмуи генҳо ҷой карда шудааст; х а р и т а и г е н е т и к и и х р о м о с о м а ҳ о – харитаи ҷойгиршавии нисбии генҳо дар *хромосомаҳо*.

**ГЕНИАЛӢ**, [< *гений*]. **1**. Доҳиёна, хеле бузург, мас., асари Г. **2**. Бағоят заковатманд, дорои истеъдоди фавқулода, мас., олими Г.

**ГЕНИАНТРАЛГИЍЯ**, [лот. genyantralgia]. *тиб*. Дард кардани қисми дарунии рухсора.

**ГЕНИАНТРИЍТ**, [лот. genyantritis]. *тиб*. Варами қисми дарунии рухсора.

**ГЕ́НИЙ**, [< лот. genius]. **1**. Дар асотири римиёни қадим – худо ё рӯҳе, ки насл, оила ва қабиларо нигаҳбонӣ мекунад. **2**. Даҳо, нубуғ; дараҷаи олии истеъдод ва ақлу хирад. **3**. Доҳӣ, нобиға; шахсе, ки истеъдод ва ақлу заковати фавқулода дорад. **4**. Тимсол, таҷассум.

**ГЕНИЍН**, [англ. genin]. Қисми таркибии молекулаи *гликозид*.

**ГЕНИТА́ЛИЯҲО**, [< лот. genitale узви таносул]. *анат*. Узвҳои таносул; узвҳои ҷинсии берунӣ.

**ГЕНИТОГРА́ММА**, [лот. genitogramma]. *тиб*. Акси рентгении узвҳои маниофар.

**ГЕНИТОПЛА́СТИКА**, [лот. genitoplastica]. *тиб*. Тармими (ҷарроҳии пластикии) узвҳои таносул.

**ГЕНИТОУРЕТРОГРА́ФИЍЯ**, [лот. genitourethrographia]. *тиб*. Усули бо рентген муайян кардани тағйироти қисми пушти пешоброҳа.

**ГЕНИТОУРОГРА́ФИЯ**, [лот. genitourographia]. *тиб*. Акси рентгении манироҳа, манидон, пешобдон ва пешоброҳа.

**ГЕНИХЕЙЛОПЛА́СТИКА**, [лот. genicheiloplastica]. *тиб*. Тармими лабу лунҷ.

**ГЕНО**..., [< юн. genos насл, пайдоиш]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки бо ирсият ва генҳо робита доштанро ифода мекунад.

**ГЕНОБЛА́СТ**, [лот. genoblastus]. *биол*. **1**. Ҳуҷайраи болиғи нутфа. **2**. Ядрои тухмаки бордор.

**ГЕНОДЕРМАТО́З**, [лот. genodermatosis]. *тиб*. Бемории ирсии пӯст.

**ГЕНОКО́ПИЯ**, [< *гено*... + *копия*]. Пайдо шудани аломатҳои монандии фенотипӣ бо таъсири генҳое, ки дар қитъаҳои гуногуни хромосомаҳо ё дар хромосомаҳои гуногун ҷойгир шудаанд. || Мқс. фенокопия.

**ГЕНО́М**, [< юн. genos насл, пайдоиш]. *биол*. Маҷмуи генҳое, ки дар хромосомаҳои *гаплоидии* ҳуҷайраҳои ҳайвонот ё растанӣ вуҷуд доранд. || Мқс. плазмон.

**ГЕНОТЕЙЍЗМ**, [< юн. hen (henos) як + theos худо]. Яке аз шаклҳои бисёрхудоӣ (*политеизм*), ки чандин худоро эътироф мекунад, аммо яке аз онҳоро асосӣ шумурда, парастиш менамояд.

**ГЕНОТЕРАПИЍЯ**, [лот. genotherapia]. *тиб*. Табобати бемориҳои ирсӣ бо роҳи ислоҳ намудани нуқсонҳои генетикӣ.

**ГЕНОТИ́П**, [< *гено…* + *тип*]. *биол.* Мабдаи ирсии организм, маҷмуи генҳое, ки дар хромосомаҳои он ҷойгир шудаанд; ба маънии васеъ – маҷмуи ҳамаи омилҳои ирсии организм. || Мқс. фенотип.

**ГЕНОФО́НД**, [< *гено…* + фр. fond асос, бунёд]. *биол.* Маҷмуи генҳои фарди ин ё он популятсия ё намуд.

**ГЕНОСИ́Д (ГЕНОЦИ́Д)**, [< юн. genos насл + лот. caedere куштан]. Аз рӯйи аломатҳои нажодӣ, миллӣ, этникӣ ё динӣ қир кардани гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ ё қасдан ба вуҷуд овардани чунин шароити зиндагоние, ки ба пурра ё қисман нобуд гардидани гурӯҳҳои мазкур мусоидат мекунад; Г. яке аз ҷиноятҳои мудҳишу сахттаринест ба муқобили инсоният; чунин ҷиноятро дар солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ фашистон нисбати славянҳо ва яҳудиён содир карда буданд. || Мқс. холокост.

**ГЕ́НРИ**, [англ. Henry аз номи физики америкоӣ Ҷ. Генри]. *физ.* Воҳиди индуктивият ва индуктивияти мутақобил дар системаи байналхалқии воҳидҳо (СИ).

**ГЕ́НРО**, [яп.]. Унвоне, ки дар охири асри Х1Х – аввали асри ХХ ба намояндагони табақаҳои болоии синфҳои ҳукмрон, машваратчиёни якумраи император дода мешуд.

**ГЕ́НТЕКС**, [англ. Gentex – кӯтоҳшудаи Generalized Teletype Exchande Servise]. Шабакаи байналмилалии телеграфии истифодаи умум, ки бо дастгоҳҳои автоматии коммуникатсионии телеграфӣ таҷҳизонида шуда, байни шаҳрҳои калони дунё алоқаи бевоситаро таъмин мекунад.

**ГЕНУИНӢ**, [< лот. genuinus]. Табиӣ, ҳақиқӣ, аслӣ, модарзодӣ; дар тиб бемориҳои модарзодиро чунин меноманд, мас., каҷгардании Г. (каҷгардании модарзодӣ).

**ГЕО…**, [< юн. ge замин]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки заминро ифода мекунад, мас., *география, геология.*

**ГЕОАКУ́СТИКА**, [< *гео…* + *акустика*]. Соҳаи садошиносӣ (*акустика*), ки бо ёрии мавҷҳо сохт ва хусусиятҳои қишри заминро меомӯзад.

**ГЕОБОТА́НИКА**, [< *гео…* + *ботаника*]. Илм дар бораи олами набототи Замин.

**ГЕОГРАФИ́ЗМ**, [< *географ(ия)…* + пасв. -изм]. Номи умумии як қатор мактабу равияҳо дар сотсиология, ки инкишофи ҷамъиятро бевосита бо шароитҳои махсуси географӣ (иқлим, хок, дарёҳо ва ғ.) вобаста медонистанд. || Мқс. биологизм.

**ГЕОГРА́ФИЯ**, [< *гео…* + grapho менависам]. Маҷмуи илмҳо дар бораи сатҳи Замин ва шароитҳои табиии он, инчунин ҷойгиршавии аҳолӣ, сарватҳои табиӣ ва захираҳои иқтисодӣ дар рӯйи Замин.

**ГЕОДЕ́ЗИЯ**, [< юн. ge замин + daio тақсим мекунам]. Илм дар бораи шаклу андозаи Замин, майдони ҷозибаи Замин, инчунин усулҳои муайян кардани нуқтаҳои гуногуни сатҳи Замин барои аккосии *топографӣ*, харитасозӣ ва иҷрои корҳои муҳандисию техникӣ.

**ГЕОДЕЗӢ**, [< *геодезия*]. Ҳар чизи марбут бо таҳқиқи Замин ва корҳои топографию харитасозӣ; аломатҳои геодезӣ – иншоотҳои рӯйизаминӣ (сутунҳо, аҳромҳо) ва зеризаминӣ (пояҳои бетонӣ), ки барои нишон додани нуқтаҳои геодезӣ хизмат мекунанд; астрономияи геодезӣ – мушоҳидаҳои астрономӣ бо мақсади иҷрои корҳои геодезӣ ва харитасозӣ.

**ГЕОДИНА́МИКА**, [*гео…* + *динамика*]. *геол.* Соҳаи геология, ки қувваю равандҳои қишр, *мантия* ва мағзи Заминро меомӯзад.

**ГЕКОРО́НА**, [< юн. ge замин + лот. corona ҳола]. Қабати берунии атмосфераи Замин, ки аз гидроген иборат буда, нурҳои ултрабунафш меафканад.

**ГЕОКРИЛО́ГИЯ**, [*гео…* + *крилогия*]. *геол.* Илме, ки сохт, таркиб, хусусиятҳо, пайдоиш, паҳншавӣ ва таърихи инкишофи қабатҳои яхбастаи қишри Замин, инчунин равандҳои яхбандӣ ва обшавии яххоро таҳқиқ мекунад.

**ГЕОЛО́ГИЯ**, [*гео…* + *…логия*]. Маҷмуи илмҳо дар бораи таркиб, сохт ва таърихи инкишофи қишри Замин ва қабатҳои чуқуртари даруни Замин, инчунин дар бораи ҷойгиршавии сарватҳои зеризаминӣ ва усулҳои ҷустуҷӯ ва истихроҷи онҳо.

**ГЕОМАГНЕТИ́ЗМ**, [*гео…* + *магнетизм*]. Соҳаи *геофизика*, ки дар фазо паҳн шудан ва бо мурури замон тағйир ёфтани майдони магнитии Замин, инчунин равандҳои геофизикии ба майдони магнитӣ вобастаи Замин ва атмосфераи онро меомӯзад.

**ГЕОМЕ́ТР**, [< *гео…* + *метр*]. *кӯҳна*. **1**. Олими математик. **2**. Муаллими геометрия.

**ГЕОМЕТРИЗА́ЦИЯ (ГЕОМЕТРИЗА́ТСИЯ)**, [< *геометрия*]. Маҷмуи корҳо оид ба ҷамъоварӣ, тадвин, таҳияи нақшаҳои маркшейдерӣ, коркарди математикӣ ва тасвири графикии маълумот дар бораи хусусиятҳои сохторӣ ва сифатии конҳои канданиҳои фоиданок.

**ГЕОМЕ́ТРИЯ**, [< юн. ge замин + metreo чен мекунам]. Соҳаи математика, ки хосиятҳои фазоии шакл, ҷисм ва ашёро меомӯзад; геометрияи одӣ хусусиятҳои шаклҳо ва ҷисмҳои одитаринро (хати рост, доира, бисёркунҷа ва ғ.-ро) меомӯзад; геометрияи таҳлилӣ (аналитикӣ) хусусияти объектҳои геометриро ба воситаи алгебра, таҳлил ва координатаҳо таҳқиқ менамояд; геометрияи дифференсиалӣ объектҳои геометриро бо ёрии ҳисобкунии дифференсиалӣ меомӯзад; геометрияи тасвирӣ бо тасвири графикии шаклу ҷисмҳо дар сатҳ машғул аст.

**ГЕОМЕХА́НИКА**, [*гео…* + *механика*]. *геол.*, *геоф.* Механикаи ҷинсҳои кӯҳӣ; илм дар бораи хосиятҳои физикию механикии ҷинсҳои кӯҳӣ, равандҳои пайдошавӣ ва вайроншавии онҳо бо таъсири омилҳои табиӣ ва технологӣ.

**ГЕОМОРФОЛО́ГИЯ**, [*гео…* + *морфология*]. *геог.* Соҳаи географияи табиӣ, ки *релйефи* сатҳи Замин ва таги баҳру уқёнусҳо, инчунин шакли зоҳирӣ, пайдоиш, умр ва таърихи инкишофи релйефро меомӯзад.

**ГЕОМО́Р**, [юн. geomoros]. *таър.* Заминдор дар Юнони Қадим.

**ГЕОПАТОГЕНӢ**, [*гео… + патогенӣ*]. Минтақаҳои геопатогенӣ – он ҷойҳои сатҳи Замин, ки ба одамон ва саломатии онҳо таъсири зарарнок мерасонанд.

**ГЕОПОЛИ́ТИКА**, [*гео… + политика (сиёсат)*]. **1**. Назарияе дар сиёсатшиносӣ, ки мувофиқи он сиёсати давлатро (асосан сиёсати берунии онро) омилҳои географӣ (мавқеи давлат, сарватҳои табиӣ, иқлим ва ғ.) муайян мекунанд. **2**. Таъсири омилҳои геграфӣ ба сиёсати берунии давлат.

**ГЕО́РГИКҲО**, [юн. қад.]. Сурудҳои халқии юнониёни қадим, ки дар онҳо ҳаёт ва меҳнати кишоварзони деҳотӣ васф карда мешуданд.

**ГЕОРГИ́Н, ГЕОРГИ́НА**, [ол. Georgine]. *бот.* Гули кавкаб; растании бисёрсолаи ороишӣ аз оилаи мураккабгулҳо (15 – 20 намуд); асосан дар Мексика ва Гватемала мерӯяд.

**ГЕОСФЕ́РА**, [*гео… + сфера*]. Қабатҳои яклухт ва ҷудо-ҷудои Замин; Г. аз атмосфера, гидросфера, қишри замин, мантия ва мағзи (*ядрои*) Замин иборат аст.

**ГЕОТЕКТО́НИКА**, [*гео… + тектоника*]. Ниг. тектоника.

**ГЕОТЕРМАЛӢ**, [< *гео…* + юн. thermal гармӣ]. Мансуб ба гармии қаъризаминӣ; чашмаҳои геотермалӣ – чашмаҳои оби гарм ё ҷӯш, ки аз қаъри Замин фаввора зада мебароянд; аксарияташон хусусиятҳои табобатӣ доранд.

**ГЕОТЕ́РМИКА**, [< *гео…* + юн. thermal гармӣ]. Ниг. *геотермия.*

**ГЕОТЕРМИ́Я**, [< *гео…* + юн. thermal гармӣ]. *геоф.* Соҳаи геофизика, ки ҳарорати дохилии кураи Заминро меомӯзад.

**ГЕОТРОПИ́ЗМ**, [< *гео…* + юн. trope гардиш, тағйирёбӣ]. *бот.* Хусусияти узвҳои сабзандаи растанӣ, ки бо таъсири қувваи ҷозибаи Замин шакли муайянеро қабул мекунанд, мас., реша ба поён месабзад (Г.-и мусбат), шохҳо – ба боло (Г.-и манфӣ).

**ГЕОФА́Г**, [лот. geophagus]. Кулӯххӯр; шахсе, ки одати кулӯх, лой, хок хӯрдан дорад (бештар дар давраи кӯдакӣ).

**ГЕОФИ́ЗИКА**, [*гео… + физика*]. Маҷмуи илмҳое, ки сохти Замин, хусусиятҳои физикии он, инчунин равандҳои дар *атмосфера, гидросфера* ва *литосфера* рӯйдиҳандаро бо усулҳои физикӣ тадқиқ мекунанд.

**ГЕОФИ́ТҲО**, [< *гео…* + юн. phyton растанӣ]. *бот.* Растаниҳое, ки муғчаҳои нашвашон дар зери хок ҷойгир шудаанд, мас., пиёз, сабзӣ, лола, сарсабил, заъфарон. || Мқс. гидрофитҳо.

**ГЕОХИ́МИЯ**, [*гео… + химия*]. Илм дар бораи таркиби химиявии Замин ва қонунҳои ҷойгиршавӣ, тақсимшавӣ ва пайвастшавии элементҳои химиявӣ дар қишри Замин.

**ГЕОХРОНОЛО́ГИЯ**, [*гео… + хронология*]. *геол.* Солшумории геологӣ; таълимот дар бораи пайдарҳамии хронологии ташаккул ва синни ҷинсҳои кӯҳии қишри замин.

**ГЕОСЕНТРИ́ЗМ (ГЕОЦЕНТРИ́ЗМ)**, [*гео… + сентр (марказ)*]. Системаи геосентрии олам; тасаввурот дар бораи Замин чун маркази беҳаракати кайҳон, ки дар гирди он Офтоб ва ҷирмҳои осмонии дигар давр мезананд; тасаввуроти мазкур дар Юнони Қадим пайдо шуда, то асри XVI давом кард ва фақат баъди пайдо шудани системаи гелиосентрии Коперник аз ҷониби илм рад карда шуд. || Мқс. гелиосентризм.

**ГЕПА́РД**, [фр. guepard]. *зоол.* Юз; ҳайвони ширхори даранда аз оилаи гурбаҳо; дарозии баданаш то 1,5 м; дар биёбонҳои Осиё ва Африқо зиндагӣ мекунад; зуд ром мешавад.

**ГЕПАРИ́Н**, [< юн. hepar ҷигар]. *тиб.* Моддае, ки лахташавии хунро пешгирӣ мекунад; бори аввал аз ҷигар гирифта шуда буд ва номаш аз ҳамин ҷост.

**ГЕПАТИ́Т**, [< юн. hepar ҷигар]. *тиб.* Қубод; зотулкабид; номи умумии варами шадид ва музмини ҷигар.

**ГЕПАТОПТО́З**, [< юн. hepar ҷигар + *птоз*]. *тиб.* Фуромадани ҷигар.

**ГЕПАТОХОЛЕСИСТИ́Т**, [*гепатит* + *холесистит*]. *тиб.* Дар як вақт варам кардани ҷигар (*гепатит*) ва талхадон (*холесистит*).

**ГЕПТА…**, [< юн. hepta ҳафт]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки «ҳафт»-ро ифода мекунад, мас., *гептагон.*

**ГЕПТАГО́Н**, [< юн. hepta ҳафт + gonia кунҷ]. *геом.* Ҳафткунҷа.

**ГЕПТА́Н**, [< *гепта*]. *хим.* Пайвасти органикӣ, карбогидриди ғализ, ки дар молекулааш ҳафт атоми карбон дорад.

**ГЕПТАХО́РД**, [< *гепта* + юн. chord тор]. *мус.* Ҳафттор.

**ГЕР**, [яҳ. қад.]. Ғайрияҳудие, ки дини яҳудиро қабул кардааст.

**ГЕ́РА**, [юн. Hera]. Дар асотири Юнони Қадим – маликаи худоҳо, зани Зевс, ҳомии никоҳу таваллуд.

**ГЕРА́КЛ**, [юн. Herakles]. **1**. Дар асотири Юнони Қадим – писари Зевс, баҳодури бениҳоят пурқуввату тавоно ва ҷасур. **2**. *маҷ.* Паҳлавон; шахси бузургҷусса ва бақувват.

**ГЕРА́ЛДИКА (ГЕРА́ЛЬДИКА)**, [< лот. heraldus мунодӣ]. Нишоншиносӣ; гербшиносӣ; яке аз қисмҳои илми таърих, ки бо тафсир ва омӯзиши нишонҳо (*гербҳо*) машғул аст.

**ГЕРА́Н (ГЕРА́НЬ)**, [юн. geranos турна]. *бот.* Анҷибар; гули шамъдонӣ; растании хушбӯй, ки дар саноати атторӣ аз баргҳои он равғани Г. тайёр мекунанд (такр. 400 намуд).

**ГЕРБ**, [< ол. Erbe мерос]. Нишони фарққунандаи давлат, шаҳр, авлод, қавм, корхона, ки дар парчам, пул, мӯҳр, овезаҳо, бланкҳо, ҳуҷҷатҳо ва ғ. тасвир карда мешавад.

**ГЕРБА́РИЙ**, [лот. herbarium < herba алаф, растанӣ]. **1**. Маҷмуи (коллексияи) гиёҳҳои махсус ғун ва хушккардашуда, ки барои омӯзиш истифода мешаванд. **2**. Муассисае, ки дар он чунин гиёҳҳо нигоҳ дошта мешаванд.

**ГЕРБЕ́РА**, [лот. < herba алаф]. *бот*. Растании бисёрсола аз оилаи мураккабгулҳо (тақр. 70 намуд); дар Африқо ва Осиё мерӯяд; гулаш ба гули бобуна монанд аст.

**ГЕРБИСИ́ДҲО (ГЕРБИЦИ́ДҲО)**, [< лот. herba алаф + caedo мекушам]. *хим.* Моддаҳои химиявӣ аз гурӯҳи *пестисидҳо* барои нест кардани алафҳо (хусусан алафҳои бегона); аз арборисидҳо ва алгисидҳо иборатанд. || Мқс. зоосидҳо.

**ГЕРИАТРИ́Я**, [< юн. geron пир + iatreia табобат]. *тиб*. Соҳаи тиб, ки бо омӯзиши бемориҳои давраи пирӣ ва табобати ин бемориҳо машғул аст.

**ГЕРИ́ЛЬЯ (ГЕРИ́ЛЯ)**, [исп.guerrilla]. Ҷанги партизанӣ дар Испания ва мамлакатҳои Амрикои Лотинӣ.

**ГЕРКУЛЕ́С**, [лот. Hercules]. **1**. Номи лотинии қаҳрамони асотирии Юнони Қадим Геракл; с у т у н ҳ о и  Г е р к у л е с  (а р к о н и  Г е р к у л е с) – ду кӯҳе дар гулӯгоҳи Гибралтар – яке дар соҳили Аврупо, дигаре дар соҳили Африқо; мувофиқи ривоят онҳоро гӯё Геркулес бунёд кардааст; ба пиндори юнониёни қадим, сутунҳои Г. «канори олам» будаанд. **2**. *маҷ*. Паҳлавон, шахси бузургҷусса ва бақувват. **3**. *астр*. Галаситораи Нимкураи Шимолӣ, ки Системаи офтобӣ ба тарафи он ҳаракат мекунад. **4**. *зоол*. Говгамбуск; як навъ гамбуски калон, ки дар Амрикои Ҷанубӣ ва Амрикои Марказӣ зиндагӣ мекунад. **5**. Ярмаи ҷави русӣ (овёс).

**ГЁРЛС**, [англ. girls духтарҳо]. Гурӯҳи духтароне, ки дар эстрада (асосан дар мюзик-холл, кабаре) суруд мехонанд ё рақс мекунанд.

**ГЁРЛСКА́УТ, ГЁЛСКА́УТ**, [англ. girl духтар + scout разведкачӣ]. Духтаре, ки узви ташкилоти скаутӣ мебошад (ниг. *скаутизм*). || Мқс. бойскаут.

**ГЁРЛФРЕ́НД**, [англ. girlfriend < girl духтар + friend дӯст]. Дугона, маъшуқае, ки ҷавон ё мард бо ӯ муносибатҳои доимии маҳрамона дорад (бе никоҳ). || Мқс. бойфренд.

**ГЕРМАНИ́ЗМ**, [< лот. Germania]. *збш.* Калимаю ибораҳое, ки аз забонҳои германӣ (асосан аз забони олмонӣ) гирифта шудаанд ё дар қолаби калимасозии забонҳои германӣ сохта шудаанд.

**ГЕРМА́НИЙ**, [лот. Germanium – аз номи зодгоҳи олими олмонӣ К. Винклер, ки соли 1886 ин элементро кашф намудааст]. *хим*. Элементи химиявӣ, металли нуқратоби гурӯҳи IV системаи даврӣ; рамзаш Ge; аз рӯйи хусусиятҳояш ба қалъагӣ наздик аст; бештар дар *электротехника* ва *радиотехника* ба кор меравад (ҳамчун нимноқил).

**ГЕРМАНИ́СТИКА**, [< лот. Germania]. Илме, ки забон, адабиёт, таърих ва фарҳанги моддию маънавии халқҳои олмонизабонро меомӯзад.

**ГЕРМАНӢ**, [< лот. Germania]. З а б о н ҳ о и  г е р м а н ӣ – гурӯҳи забонҳои ҳиндуаврупоӣ, ки забонҳои шведӣ, норвегӣ, даниягӣ, исландӣ, англисӣ, олмонӣ

(немисӣ), ҳолландӣ, африкаанс, фламандӣ, идиш ва забони мурдаи готиро дар бар мегирад.

**ГЕРМАНО**..., [< лот. Germania]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои германӣ (олмонӣ) ё Германия (Олмон).

**ГЕРМАНОФИ́Л**, [< *германо...* + *...фил*]. Одаме, ки ба Олмон ва ҳар чизи олмонӣ ҳусни таваҷҷуҳ ва муҳаббат дорад; баръакси *германофоб*.

**ГЕРМАНОФО́Б**, [< *германо...* + *...фоб*]. Одаме, ки ба Олмон ва ҳар чизи олмонӣ ҳисси бадбинӣ ва кароҳат дорад; баръакси *германофил*.

**ГЕРМАФРОДИ́Т**, [< юн. Hermaphroditos]. **1**. Дар асотири Юнони Қадим – махлуқи афсонавӣ, писари Гермес ва Афродита, ки бо иродаи худоҳо дар як бадан бо парӣ Салмакида пайваст шуда, дар натиҷа як махлуқи дуҷинса ба вуҷуд омадааст. **2**. Хунсо; организме, ки дар он узвҳои таносулии ҳам марду ҳам зан мавҷуданд.

**ГЕРМАФРОДИТИ́ЗМ**, [< *гермафродит*]. *физиол*. Хунсоӣ; дар як ҷинс вуҷуд доштани аломатҳои ҷинсӣ ё узвҳои таносулии ҳарду ҷинс.

**ГЕРМЕНЕ́ВТИКА**, [< юн. hermeneutike тафсир]. Назария ва санъати тафсири матнҳои душворфаҳм (асосан китобу дастхатҳои қадимӣ).

**ГЕРМЕ́С**, [юн. Hermes]. **1**. Дар асотири Юнони Қадим – писари Зевс, қосиди худоҳо, ҳомии рамаву роҳҳо, худои тиҷорат ва даромад; дар Рими Қадим бо номи *Меркурий* маъруф аст. **2**. Номи донишманди мисрӣ бо тахаллуси Трисмегист, ки усули бо мӯҳри сеҳрнок зич маҳкам кардани зарфҳои шишагиро ихтироъ намудааст (калимаҳои герметик, герметикӣ, герметизатсия аз номи ҳамин донишманд гирифта шуданд). **3**. *астр*. Номи яке аз сайёраҳои хурд (қутраш 1,5 км).

**ГЕРМЕТИЗА́ТСИЯ (ГЕРМЕТИЗА́ЦИЯ)**, [< *Гермес 2*]. Герметикунонӣ; ҳавоногузар (инчунин моеъногузар, гарминогузар, сардиногузар) кардани биноҳо, зарфҳо ва ҷойҳои пайвасти таҷҳизот ва асбобу олот.

**ГЕРМЕТИ́ЗМ**, [< *Гермес 2*]. *фалс*. Равияи динию фалсафии аҳди атиқа, ки унсурҳои фалсафаи юнонӣ, ситорашиносии халдейӣ, соҳирии форсӣ, илми кимиёи мисриро дар бар мегирад.

**ГЕРМЕТИКӢ, ГЕРМЕТӢ**, [< *Гермес 2*]. Бино, зарф ва ҳар чизи дигари зич пӯшидашуда, ки ба он ҳаво (инчунин моеъ, чангу ғубор, гармӣ, сардӣ) намедарояд.

**ГЕРМЕ́ТИКҲО**, [< *Гермес 2*]. Герметикунандаҳо; маводи герметикунандае, ки асосашонро каучукҳои полисулфидӣ ё кремнийорганикии моеъ ташкил медиҳад; бо Г.-ҳо ҳар гуна роғу сӯрохиҳо, ҷойҳои пайвасти зарфу асбоб ва таҷҳизотро маҳкам мекунанд.

**ГЕРМИНАТИВӢ**, [< лот. germinare сабзидан]. *биол*. Ҷанинӣ; мансуб ба ҷанин.

**ГЕРОДЕРМИ́Я**, [лот. gerodermia]. *тиб*. Пир шудани пӯст; пайдо шудани аломатҳои пирӣ дар пӯст.

**ГЕРОДИЕТЕТИКА**, [лот. gerodiaetetica]. *тиб*. Беҳдошти хӯроки пиронсолон.

**ГЕРОЙН**, [фр. heroine]. Моддаи мухаддири (наркотики) сахттаъсир, ки аз кӯкнор тайёр карда мешавад; одам ҳамагӣ баъди 3-4 тазриқ ба он одат мекунад ва организмаш баъди ҳар 2-3 соат вояи («доза»-и) навро талаб менамояд (ба истилоҳ, «хумор» («ломка») сар мешавад).

**ГЕРОЛД (ГЕРОЛЬД)**, [ол.Herold]. Дар Аврупои Ғарбии асрҳои миёна – ҷорчие, ки фармонҳои шоҳ ё феодалҳои калонро эълон мекард, инчунин ташкилкунанда ва нозири ҳар гуна маъракаю тантанаҳо; удайчӣ.

**ГЕРОЛДМЕЙСТЕР (ГЕРОЛЬДМЕЙСТЕР)**, [ол.Heroldmeister]. Мутахассиси нишонҳои (гербҳои) қавмӣ ва давлатӣ.

**ГЕРОМОРФИЗМ**, [лот. geromorphismus]. *тиб*. Пирии бармаҳал.

**ГЕРОНТ**, [юн.geron пир]. *таър*. Дар Юнони Қадим – узви шӯрои кӯҳансолон.

**ГЕРОНТИЗМ**, [лот. gerontismus]. *тиб*. Пирсимоии кӯдакону наврасон.

**ГЕРОНТОЛОГИЯ**, [< юн.geron пир + *...логия*]. *тиб., биол*. Илме, ки равандҳои пиршавии организми зинда ва роҳҳои дарозумриро меомӯзад.

**ГЕРОНТОТЕРАПИЯ**, [лот. gerontotherapia]. *тиб*. Табобати бемориҳои давраи пиронсолӣ.

**ГЕРОНТОФИЛИЯ**, [< юн.geron пир + *...филия*]. Навъе аз фосиқии ҷинсӣ – майли шаҳвонӣ ба одамони пир.

**ГЕРОНТОФОБИЯ**, [лот. gerontophobia]. *тиб*. Тарс аз пиршавӣ.

**ГЕРПЕС**, [лот.herpes шукуфа]. *тиб*. Бемории одам ва ҳайвонот, ки бо дамидани доначаҳои зардобноки шукуфамонанд дар пӯст, луобпардаи лабҳо ва ҳалқ, чашм, узвҳои таносул зоҳир мегардад.

**ГЕРПЕСВИРУСҲО**, [лот.herpes шукуфа + *вирусҳо*]. *тиб., биол*. Вирусҳои дорои КДН (ДНК), ки боиси бемориҳои *герпес*, гулафшон, нағзак, шукуфа мегарданд.

**ГЕРПЕТОЛОГИЯ**, [< лот.herpeton хазандаҳо + *...логия*]. *зоол*. Хазандашиносӣ; соҳаи зоология, ки хазандаҳо ва обхокиҳоро тадқиқ менамояд.

**ГЕРР**, [ол. Herr]. Ҷаноб; мурочиати боэҳтиромона ба мард дар мамлакатҳои олмонизабон; пеш аз ном ё насаб истифода мешавад.

**ГЕРУСИЯ**, [юн. gerusia]. Дар Юнони Қадим – шӯрои кӯҳансолон – мақоми олии давлатӣ дар шаҳр-давлатҳо.

**ГЕРЦ (ГЕРТС)**, [ол. Hertz – аз номи физики олмонӣ Генрих Гертс, 1857 - 1894]. *физ*. Воҳиди басомади лаппишҳои даврӣ; бо Гс, Hz ифода карда мешавад; як гертс ба як сонияи лаппиш баробар аст.

**ГЕ́РСОГ (ГЕ́РЦОГ)**, [ол. Herzog]. **1**. Дар Аврупои Ғарбии давраи феодалӣ – заминдори калон. **2**. Яке аз унвонҳои олии дворянӣ.

**ГЕСТА́ПО**, [ол. Gestapo < Geheime Staatspolizei]. *таър*. Политсияи махфии давлатии Олмони гитлерӣ, ки соли 1933 таъсис ёфтааст; трибунали ҳарбии Нюрнберг онро ташкилоти ҷинояткор эълон кард.

**ГЕТЕ́РА**, [юн. hetaira маъшуқа, дугона]. **1**. Дар Юнони Қадим – зани бешавҳари соҳибмаълумот, ки ҳаёти озодона ва мустақилона ба сар мебурд. || Мқс. гейша. **2**. Баъдтар – зани сабукпо, фоҳиша.

**ГЕТЕРИ́ЗМ**, [< *гетера*]. Муносибатҳои ҷинсии бетартибона дар ибтидои инкишофи ҷамъияти инсонӣ ва никоҳи гурӯҳӣ; *промискуитет* низ гӯянд.

**ГЕТЕ́РИЯ, ЭТЕ́РИЯ**, [юн. hetaireia]. **1**. Дар Юнони Қадим – иттиҳод, иттифоқ, гурӯҳи шаҳрвандон. **2**. Ҷамъияти пинҳонкор дар Юнони асрҳои 18 – 19, ки мақсадаш аз асорати Туркия озод намудани Юнон буд.

**ГЕТЕРО**..., [юн. heteros дигар]. Қисми аввали калимаҳои дигар, ки маънои «дигар», «ғайр»-ро дорад, мас., *гетеродин.*

**ГЕТЕРОАЛЛЕЛИ́ЗМ**, [< *гетеро*... + *аллел* + пасв. -изм]. *биол.* Дар ду ё якчанд шакл вуҷуд доштани генҳо.

**ГЕТЕРОАУКСИ́Н**, [< *гетеро*... + *ауксин*]. *хим.* Гормони асосии растанӣ аз гурӯҳи ауксинҳо; мубодилаи моддаҳоро дар бофтаҳо тезонида, ба қад кашидани растанӣ мусоидат мекунад; ба таври сунъӣ тайёр карда мешавад.

**ГЕТЕРОГАЛИНӢ**, [< *гетеро*... + юн. hals намак]. *биол.* Организмҳои гетерогалинӣ – организмҳое, ки дар обҳои дараҷаи шӯриаш гуногун зиндагӣ карда метавонанд.

**ГЕТЕРОГА́МИЯ**, [< *гетеро*... + ...*гамия*]. *биол.* Яке аз намудҳои бордоршавии организмҳо, ки ҳангоми он ҳуҷайраҳои ҷинсии (*гаметаҳои*) шаклан гуногун бо якдигар пайваст (ҷуфт) мешаванд. || Мқс. изогамия.

**ГЕТЕРОГЕНЕ́З**, **ГЕТЕРОГЕНЕ́ЗИС**, [< *гетеро*... + *генез*]. *биол.* Ивазшавии усулҳои афзоиши организмҳо дар тӯли ду ё якчанд насл. || Мқс. гетерогония, метагенез.

**ГЕТЕРОГО́НИЯ**, [< *гетеро*... + ...*гония*]. *биол.* Яке аз шаклҳои бо навбат ҷой иваз намудани наслҳо дар баъзе ҳайвоноти бемуҳра (мас., ҳашарот), ки ҳангоми он ба ҷойи насли ҷинсие, ки аз тухмҳои бордоршуда инкишоф ёфтааст, насли ҷинсие меояд, ки аз тухмҳои бордорнашуда инкишоф ёфтааст.

**ГЕТЕРОДИ́Н**, [< *гетеро*... + dynamis қувва]. *Генератори* камиқтидори ёрирасони лаппишҳои электрии баландбасомад, ки асосан дар радиотехника барои ба вуҷуд овардани лаппиши басомадҳои ёрирасони пай дар пай хизмат мекунад.

**ГЕТЕРО́ЗИС**, [< юн. heteroiosis тағйирёбӣ]. *биол.* Тезондани инкишоф, афзудани ҳаҷм, тобоварӣ ва ҳосилнокии гибридҳои (дурагаҳои) авлоди якуми растанӣ ва ҳайвонот

назар ба ҳамин гуна хусусиятҳои волидонашон; дар растанипарварӣ ва чорвопарварӣ васеъ истифода мешавад.

**ГЕТЕРОМОРФО́З**, [< *гетеро…* + юн. morphe шакл]. *биол.* Ҳангоми *регенератсия* ба ҷойи узви нестшуда пайдо шудани узви дигар; мас., дар баъзе харчангшаклҳо дар ҷои чашми буридашуда мӯйлаб ё пой мебарояд.

**ГЕТЕРОПЛА́СТИКА**, [< *гетеро…* + *пластика*]. *тиб.* Аз як намуди биологӣ (мас., аз ҳайвон) бурида, ба намуди дигари биологӣ (мас., ба одам) пайванд кардани бофта ё узве; *гетеротрансплантатсия* низ гӯянд.

**ГЕТЕРОСЕКСУА́Л,** [< *гетеро…* + лот. sexualis ҷинсӣ]. Одаме, ки танҳо ба одамони ҷинсашон дигар майли шаҳвонӣ ҳис мекунад; баръакси гомосекуал.

**ГЕТЕРОСЕКСУАЛИ́ЗМ**, [< *гетеро…* + лот. sexualis ҷинсӣ]. *физиол.* **1**. Майли шаҳвонӣ ба намояндаи ҷинси муқобил. || Мқс. бисексуализм. **2**. Дар як ҷинс пайдо шудани аломатҳое, ки ба ҷинси дигар хосанд.

**ГЕТЕРОСТИЛИ́Я**, [< *гетеро…* + лот. stylos сутунча]. *бот.* Нобаробар будани дарозии сутунчаҳо ва торҳои гардбарга дар гулҳои ҳамаи растаниҳое, ки ба як намуд мансубанд; худгардолудшавиро душвор мегардонад. || Мқс. гомостилия.

**ГЕТЕРОСФЕ́РА**, [< *гетеро…* + *сфера*]. Қабати атмосфераи аз 100 км болотар, ки зичии ҳавои он мутобиқан ба баландии қабатҳои атмосфера ва тақсимшавии гравитатсионии газҳо ва *диссотсиатсияи* молекулаҳои газ тағйир меёбад.

**ГЕТЕРОТО́ПИЯ**, [< *гетеро…* + юн. topos ҷой, маҳал]. *физиол.* Пайдо шудани бофтаҳо ё узвҳо дар ҷойҳои барояшон ғайримуқаррарӣ, мас., дандон дар ком.

**ГЕТЕРОТРАНПЛАНТА́ТСИЯ (ГЕТЕРОТРАНПЛАНТА́ЦИЯ)**, [< *гетеро…* + *трансплантатсия*]. *тиб.* Ниг. гетеропластика.

**ГЕТЕРОТРОФӢ**, [< *гетеро…* + юн. trophe ғизо]. *биол.* Аз моддаҳои органикӣ ғизогиранда; баръакси *автотрофӣ*; о р г а н и з м ҳ о и  Г. – организмҳое, ки аз моддаҳои тайёри органикӣ ғизо мегиранд, мас., одам, ҳайвонот, баъзе растаниҳо ва замбуруғҳо.

**ГЕТЕРОФИЛЛИ́Я**, [< *гетеро…* + юн. phyllon баргҳо]. *бот.* Гуногунбаргӣ; дар як растанӣ вуҷуд доштани баргҳои гуногуншакл.

**ГЕТЕРОХРОМОСО́МА**, [< *гетеро…* + *хромосома*]. *биол.* Хромосомае, ки аз ҷиҳати морфологӣ аз *гомологи* худ фарқ мекунад, мас., хромосомаҳои ҷинсӣ; аллосома низ гӯянд.

**ГЕ́ТМАН**, [пол. hetman < ол. Hauptmann сардор]. **1**. Сарвар, фармондеҳи қӯшунҳо. **2**. Дар Украинаи асрҳои 16 – 17 – ҳокими Украина ва сардори казакҳо.

**ГЕ́ТРА**, [фр. guetres]. Соқпӯш; як навъ пойпӯши ҷуробмонанд, ки пойро аз буҷулак то зону мепӯшонад.

**ГЕ́ТТЕР**, [англ. getter]. *тех.* Моддае, ки газ ва буғро ба худ меҷаббад ва нигоҳ медорад. || Мқс. абсорбент, адсорбент, сорбент.

**ГЕ́ТТО**, [ит. ghetto]. **1**. Дар баъзе мамлакатҳо – як қисми шаҳр, ки дар он ҷо гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ аз рӯйи аломатҳои нажодӣ ё диниашон маҷбуран маскун карда мешаванд. **2**. *маҷ.* Як қисми шаҳр, ки дар он бештар ин ё он ақаллияти миллӣ зиндагӣ мекунад.

**ГЕФЕ́СТ**, [юн. Hephaistos]. Дар асотири Юнони Қадим – худои оташ ва пешаи оҳангарӣ, писари Зевс ва Гера; дар асотири Рими қадим – Вулкан.

**ГЕШЕ́ФТ**, [< ол. Geschaft]. Савдо, тиҷорат ё додугирифти ғайриқонунӣ; аҳду паймоне, ки бо вайрон кардани қонун баста мешавад.

**ГЕЯ**, [юн. Ge, Gaja]. Дар асотири Юнони Қадим – олиҳаи замин; дар асотири Рими Қадим – Телдус.

**ГИАЛИНО́З**, [< юн.hyalos шиша]. *тиб.* Дар бофтаҳои организм (берун аз ҳуҷайраҳо) ба вуҷуд омадани таҳшинҳои ғафсу нимшаффофи сафеда; мас., ҳангоми бемориҳои коллагенӣ (ихтилоли рагу пай) пайдо мешавад.

**ГИАЛИ́Т**, [< юн.hyalos шиша]. *маъд.* Яке аз намудҳои беранги шаффофи айнушшамс (*опал*).

**ГИАЛОПЛА́ЗМА**, [< юн. hyalos шиша + *плазма*]. *биол. Плазмаи* асосӣ; як қисми *ситоплазмаи* ҳуҷайраҳои ҳайвонот ва растанӣ, ки дар онҳо сохторҳои дохилиҳуҷайравӣ – мағз (*ядро*), органоидҳо ва ғ. ҷойгир шудаанд.

**ГИАСИ́НТ (ГИАЦИ́НТ), ГИАКИ́НФ**, [< юн. Hyakinthos]. **1.** Дар асотири юнониёни қадим – номи ҷавони афсонавие, ки баъди аз ҷониби Апполон тасодуфан кушта шуданаш аз хуни ӯ гул мерӯяд. **2**. *бот.* Як навъ растании бисёрсолаи хушбӯй аз оилаи савсанҳо (4 намуд); барои ҳосил намудани равғани эфир, инчунин дар боғдорӣ ва гулпарварӣ истифода мешавад. **3**. *маъд.* Як навъ санги қиматбаҳо – *сиркони* марганетсдори шаффоф.

**ГИББЕРЕЛЛИ́НҲО**, [англ. gibberellins]. *бот.* Гурӯҳи гормонҳои растанӣ (*фитогормонҳо*), ки ба инкишоф ва қадкашии растаниҳо мусоидат менамоянд. || Мқс. ауксинҳо.

**ГИББО́НҲО**, [англ. gibbons]. *зоол.* Маймунҳои хурди одамшакле, ки дар Осиёи Ҷанубӣ-Шарқӣ зиндагӣ мекунанд (6 намуд); дастҳои дароз доранд. || Мқс. горилла, орангутанг, шимпанзе.

**ГИББСИ́Т**, [англ. gibbsite]. *маъд.* Минерале, ки аз *гидроксиди* алюминий таркиб ёфтааст; ҷузъи асосии баъзе *боксситҳо*.

**ГИБЕРНА́ТСИЯ (ГИБЕРНА́ЦИЯ)**, [лот. hibernation хоби зимистона]. *биол., тиб.* Ба таври сунъӣ тавассути доруҳои нейролептикӣ суст намудани фаъолияти ҳаётии организм, ки хоби зимистонии ҳайвонотро ба хотир меорад; аз Г. одатан ҳангоми амалиёти ҷарроҳӣ истифода мебаранд.

**ГИБИ́СКУС**, [лот. Hibiscus]. *бот.* Ҷинси дарахтҳо, буттаҳо, гиёҳҳои бисёрсола ва яксола аз оилаи тугмачагулҳо (тақр. 300 намуд); дар минтақаҳои тропикӣ ва субтропикӣ мерӯяд; намуди машҳуртаринаш Г.-и чинӣ аст, ки онро садбарги хитоӣ низ меноманд.

**ГИБРИ́Д**, [< лот. hibrida дурага]. *биол.* Ҳайвон ё растание, ки аз омезиши зотҳо ё намудҳои гуногун пайдо шудааст.

**ГИГ**, [англ. gig]. Завраки 6- ё 8-белаи киштӣ.

**ГИГА...**, [< юн.gigas азим, калон]. Қисми аввали воҳидҳои бузургиҳои физикӣ, ки барои ифодаи номи виҳидҳои каратии баробари миллиард истифода мешавад, мас., 1 гигагертс баробари $10^9$ гертс; ифодаи мухтасараш – Г, G.

**ГИГАБА́ЙТ**, [< *гига...* + *байт*]. *инф.* Воҳиди каратии иттилооти компютерӣ; воҳиди ҳаҷми хотираи компютер, ки ба 1024 мегабайт баробар аст.

**ГИГА́НТ**, [< юн.gigas азим, калон]. **1**. Ҳайвон ё растании азимҷусса; объекти табиии ниҳоят калон. **2**. *маҷ.* Шахсе, ки дар ягон соҳа муваффақиятҳои бузург ба даст овардааст; шахси бениҳоят хирадманд, олими бузург. **3**. Корхонаи азим.

**ГИГАНТИ́ЗМ**, [< *гигант*]. *физиол.* Қади ғайриодии бениҳоят баланди инсон ва ҳайвон ё андозаи бениҳоят калони ин ё он қисми организм (мас., даст, по ва ғ.), ки дар натиҷаи вайроншавии кори ғадудҳои тарашшуҳи дохилӣ пайдо мешавад.

**ГИГАНТОМА́НИЯ**, [< *гигант* + *...мания*]. Майлу рағбати зиёд ва беасос ба ҳар чизи бузург, азим, беандоза калон.

**ГИГАНТОПИТЕ́КҲО**, [< *гигант* + юн. pithekos маймун]. *зоол.* Маймунҳои калони одамшакл, ки дар миёнаҳои давраи антропогенӣ зиндагӣ кардаанд; ҷоғ ва дандони онҳо дар Осиёи Ҷанубӣ-Шарқӣ ёфт шудаанд.

**ГИГИЕ́НА**, [< юн.hygieinos шифобахш]. Беҳдошт; як соҳаи илми тиб, ки таъсири муҳити зист ва фаъолияти меҳнатиро ба саломатии инсон омӯхта, бо мақсади пешгирии бемориҳо, ҳифзи саломатӣ ва таъмини шароити беҳтарини зиндагӣ ва меҳнати аҳолӣ тадбирҳо меандешад; Г. соҳаҳои гуногун дорад: Г.-и умумӣ, Г.-и коммуналӣ, Г.-и тағзия, Г.-и меҳнат, Г.-и кӯдакону наврасон, Г.-и ҳарбӣ, Г.-и радиатсионӣ, Г.-и шахсӣ ва ғ.

**ГИГИЕНӢ**, [< *гигиена*]. Мансуб ба *гигиена*; ҷавобгӯ ба талаботи қоидаҳои гигиена; тоза.

**ГИГИЕЯ**, [< юн. қад.hygiea]. Дар асотири Юнони Қадим – номи олиҳаи тандурустӣ, духтари Асклепия; калимаи «гигиена» аз ҳамин ном сохта шудааст.

**ГИГРО...**, [< юн. hygros намнок, тар]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки об, намӣ, намнокиро ифода мекунад, мас., *гигрограф*.

**ГИГРО́ГРАФ**, [< *гигро...* + *...граф*]. *Гигрометри* худнавис.

**ГИГРО́МЕТР**, [< *гигро…* + *…метр*]. Асбоб барои муайян кардани дараҷаи намнокии ҳаво ва газҳо. || Мқс. психрометр.

**ГИГРОСТА́Т**, [< *гигро…* + *…стат*]. Асбоби озмоишгоҳӣ барои нигоҳ доштани намнокии доимии моддаҳо, ашё ва ғ.

**ГИГРОФИ́ЛҲО**, [< *гигро…* + *…филҳо*]. *биол.* Организмҳои рӯизаминии намидӯст; Г. дар ботлоқҳо, соҳили дарёҳо, заминҳои нам, дарахтони пӯсида зиндагӣ мекунанд. || Мқс. гигрофитҳо.

**ГИГРОФИ́ТҲО**, [< *гигро…* + *…фитҳо*]. *бот.* Растаниҳое, ки дар ҷойҳои сернам мерӯянд; растаниҳои намидӯст. || Мқс. гелофитҳо, ксерофитҳо.

**ГИД**, [фр. guide < guider роҳбаладӣ кардан]. **1.** Роҳбаладӣ сайёҳон; шахсе, ки сайёҳонро ҳамроҳӣ намуда, ҷойҳои ҷолиби маҳалро нишон медиҳад; *экскурсовод*. **2**. Маълумотнома; китобча ё харитаи роҳнамо. **3**. Телескопи оптикии на чандон калон, ки дар болои телескопи асосӣ насб шудааст; бо ёрии он асбобро ба самти муайян рост мекунанд.

**ГИДА́ЛГО (ГИДАЛЬГО)**, Ниг. *идальго* (*идалго*).

**ГИДАТО́ДҲО**, [юн. hydatos об + hodos роҳ]. *бот.* Оҳанчаҳои эпидермиси барги растанӣ, ки намиро аз қисми дарунии барг ба сатҳи беруни он мебароранд.

**ГИДАТОФИ́ТҲО**, [юн. hydatos об + phyton растанӣ]. *бот.* Растаниҳои обдӯст, ки тамоми тана ё як қисман танаашон дар даруни об ҷойгир шудааст. || Мқс. гелофитҳо, гигрофитҳо.

**ГИ́ДРА**, [юн. hydra мори обӣ]. **1**. Дар асотири Юнони Қадим – мори нӯҳсара, ки гӯё агар як сараш бурида шавад, ба ҷойи он ду сар пайдо мешудааст; аз ҷониби Геракл кушта шудааст (яке аз 12 корнамоии ӯ). **2**. *зоол.* Ҳайвони рӯдаковоки обӣ, ки дар гирди даҳонаш хартумчаҳои борик дорад. **3**. *астр.* Галаситорае, ки қисми зиёдаш дар Нимкураи ҷанубии осмон воқеъ шудааст.

**ГИДРА́ВЛИКА**, [юн < hydraulikos обӣ]. Илм дар бораи қонунҳои ҳаракату мувозанати моеъҳо ва дар амалияи муҳандисӣ татбиқ кардани ин қонунҳо; гидротехникаи амалӣ.

**ГИДРАВЛИКӢ**, [< *гидравлика*]. Аз фишор ё ҳаракати моеъ истифодабаранда; мухаррики Г. – таҷҳизот барои табдил додани қувваи механикии моеъ ба кори механикии наварди тобхӯранда, *поршени* пешу ақиб ҳаракаткунанда ва ғ.; истихроҷи Г.-и ангишт – усули ангиштканӣ, ки ҳангоми он кофта баровардан ва интиқол додани ангишт тавассути ҷараёни об сурат мегирад; манганаи (исканҷаи) Г. – мошин барои ҳосил намудани қувваи фишор бо ёрии об ё равған; зарбаи Г. – якбора баланд шудани фишори моеи қубур дар натиҷаи ногаҳон тағйир ёфтани суръати ҷараёни он, мас., ҳангоми маҳкам кардани ҷумаки қубур; озмоиши Г. – озмоиши мустаҳкамии дегҳои буғӣ, баллонҳои газ ва асбобҳои дигари дар зери фишор коркунанда ба воситаи зиёд намудани фишори моеъи ба онҳо фиристодашаванда.

**ГИДРАДЕНИ́Т**, [юн < hidros арақ + aden ғадуд]. *тиб.* Варами зардобноки ғадудҳои арақ; одатан, дар зери бағал, чатан, зери ноф, баъзан дар пистони занҳо пайдо мешавад.

**ГИДРАЗИ́Н**, [< *гидроген* + *азот*]. *хим.* Пайвасти гидроген бо нитроген (азот); моеи беранги бадбӯй, заҳрнок ва тарканда, ки дар синтези органикӣ, истеҳсоли пластмасса, каучук ва моддаҳои тарканда ба кор меравад; ба таркиби сӯзишвории мушакҳо (ракетаҳо) дохил мешавад.

**ГИДРА́НТ**, [англ. hydrant < юн. hydor об]. Ҷумаки обгирӣ, ки дар хати водопровод васл карда шудааст; барои обпошии кӯчаҳо, хомӯш намудани сӯхтор ва ғ. истифода мешавад.

**ГИДРАРТО́З**, [< юн. hydor об + *артроз*]. *тиб.* Ҷамъшавии моеъ дар ковокии буғумҳо; истисқои буғум.

**ГИДРА́СТИС**, [< юн. hydor об]. *бот.* Растании бисёрсола аз оилаи чиноракҳо; аз решаи баъзе намудҳои он доруи манъкунандаи хун истеҳсол менамоянд.

**ГИДРА́Т**, [< юн. hydor об]. *хим.* Маҳсули пайвастшавии моддаи химиявӣ бо об.

**ГИДРАТА́ТСИЯ (ГИДРАТА́ЦИЯ)**, [< юн. hydor об]. *хим.* Ҳамроҳшавии об ба моддаҳои гуногун.

**ГИДРЕМИ́Я**, [< юн. hydor об + haima хун]. *тиб.* Зиёдшавии миқдори об дар таркиби хун; тунук шудани хун.

**ГИДРИ́ДҲО**, [< юн. hydor об + eidos намуд]. *хим.* Пайвастҳои гидроген бо элементҳои дигари химиявӣ (асосан бо металлҳо); дар саноат ва техника истифода мешавад.

**ГИ́ДРИЯ**, [< юн. hydor об]. Дар Юнони Қадим: **1**. Хуми мунаққаши сафолӣ барои об, ки ду дастаи уфуқӣ ва як дастаи амудӣ дорад. || Мқс. амфора. **2**. Қуттӣ барои овоздиҳӣ ё барои гирифтани хокистари майити сӯзондашуда.

**ГИДРО…**, [< юн. hydor об]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки об, намиро ифода мекунад, мас., гидробиология.

**ГИДРОАВИА́ТСИЯ (ГИДРОАВИА́ЦИЯ)**, [< *гидро…* + *авиатсия*]. **1**. Маҷмуи ҳавопаймоҳои бо воситаҳои шиноварӣ ҷиҳозонидашуда (*амфибия*), ки дар рӯйи об нишаста ва аз рӯйи об парвоз карда метавонанд. **2**. Соҳаи *авиатсия*, ки бо тадқиқи масъалаҳои сохтан ва истифода бурдани чунин ҳавопаймоҳо машғул аст.

**ГИДРОАГРЕГА́Т**, [< *гидро…* + *агрегат*]. *тех.* Мошине, ки аз турбинаи гидравлӣ ва генератори барқӣ иборат аст.

**ГИДРОАКУ́СТИКА**, [< *гидро…* + *акустика*]. Соҳаи *акустика* – илм дар бораи хусусиятҳои паҳншавӣ, аксёбӣ ва хомӯшшавии мавҷҳои садо дар баҳрҳо, уқёнусҳо, кӯлҳо ва ғ.

**ГИДРОАЭРО́БИКА**, [< *гидро…* + *аэробика*]. Ниг. *аквааэробика*.

**ГИДРОАЭРОДРО́М**, [< *гидро…* + *аэродром*]. Аэродроми обӣ; қитъаи сатҳи об (*акватория*), ки барои парвоз кардан ва фуруд омадани гидроҳавопаймоҳо мутобиқ карда шудааст.

**ГИДРОБИОЛО́ГИЯ**, [< *гидро…* + *биология*]. Яке аз соҳаҳои биология – илме, ки ҳаёти организмҳои обӣ, робитаи онҳо бо муҳити зист, маҳсулнокии уқёнусҳо, баҳрҳо, кӯлҳо, дарёҳо, инчунин усулҳои поксозии биологии обро меомӯзад.

**ГИДРОБИО́НТҲО**, [< *гидро…* + *бионт*]. *биол.* Организмҳое, ки дар об зиндагӣ мекунанд. || Мқс. аэробионтҳо.

**ГИДРОБИ́ОС**, [< *гидро…* + юн. bios ҳаёт]. *биол.* Маҷмуи организмҳое, ки дар об зиндагӣ мекунанд (*гидробионтҳо*). || Мқс. аэробиос.

**ГИДРОГЕ́Н, ГИДРОГЕ́НИУМ**, [< юн. hydor об + genos пайдошавӣ, тавлид]. *хим.* Элементи химиявӣ, рамзаш – H; гази сабуке, ки бо оксиген ҳамроҳ шавад, об ($H_2O$) ҳосил мешавад; дар табиат фаровон аст; номи русиаш – водород, дар адабиёти илмии шарқ – обзо, мувАллидулмоъ.

**ГИДРОГЕНЕРА́ТОР**, [< *гидро…* + *генератор*]. Генератори электрии синхронӣ, ки энергияи ҷараёни оби аз турбинаҳо ҷоришавандаро ба нерӯи барқ табдил медиҳад.

**ГИДРОГЕОЛО́ГИЯ**, [< *гидро…* + *геология*]. Илме, ки обҳои зеризаминӣ, таркиб ва хусусиятҳои онҳо, инчунин масъалаҳои истифодаи амалии ин обҳоро таҳқиқ мекунад.

**ГИДРОГЕОХИ́МИЯ**, [< *гидро…* +*геохимия*]. Соҳаи *гидрогеология*, ки таркиби химиявии *гидросфера* ва равандҳои геохимиявии дар он рӯйдиҳандаро меомӯзад.

**ГИДРО́ГРАФ**, [< *гидро…* + *граф*]. Ҷадвали тағйирёбии сарфи оби дарё ё канал дар муддати муайяни вақт.

**ГИДРОГРА́ФИЯ**, [< *гидро…* + *графия*]. **1**. Соҳаи *гидрология*, ки бо тасвир ва тавсифи обҳои рӯизаминӣ (дарёҳо, кӯлҳо, обанборҳо) ва ба харита даровардани онҳо машғул аст.

**ГИДРОДИНА́МИКА**, [< *гидро…* + *динамика*]. Соҳаи *гидромеханика*, ки ҳаракати моеъҳо ва таъсири мутақобили онҳоро бо ҷисмҳои сахт меомӯзад. || Мқс. гидростатика.

**ГИДРО́ИДИҲО**, [< юн. hydor об + eidos намуд]. *зоол.* Синфи рӯдаковокҳои обӣ (тақр. 4000 намуд).

**ГИДРОИЗОЛЯ́ТСИЯ (ГИДРОИЗОЛЯ́ЦИЯ)**, [< *гидро…* + *изолятсия*]. Аз таъсири об ва моеъҳои дигар муҳофизат намудани симҳои электр, таҷҳизот ва иморату иншоот.

**ГИДРОКАРБОНА́ТҲО**, [< *гидро…* + *карбонатҳо*]. *хим.* Намакҳои турши кислотаи ангиштсанг; *бикарбонатҳо* низ гӯянд.

**ГИДРОКЕФА́ЛИЯ**, [< *гидро…* + *кефалия*]. Ниг. гидроцефалия (гидросефалия).

**ГИДРОКОРТИЗО́Н**, [< *гидро… + коритизон*]. Гормони одам ва ҳайвонот, ки ғадудҳои болои гурда ҳосил мекунанд; мубодилаи ангиштоб, сафеда ва чарбуро танзим менамояд; чун доруи зиддиилтиҳобӣ ва зиддиаллергӣ истифода мешавад; *кортизол* низ гӯянд.

**ГИДРОКОСТЮ́М**, [< *гидро… + костюм*]. Либоси ғаввосон; либосе, ки ғаввосро аз хунукӣ ва зарбаву садама муҳофизат мекунад; гидрокомбинезон низ гӯянд.

**ГИДРОКРЕ́КИНГ**, [< *гидро… + крекинг*]. Коркарди фраксияҳои нафт, мазут ё гудрон бо мақсади ҳосил намудани бензин, сӯзишвории дизелӣ ё реактивӣ.

**ГИДРОКСИ́ДҲО**, [< *гидро… + оксидҳо*]. *хим.* Пайвастҳои химиявии оксидҳо бо об.

**ГИДРОКСИ́Л**, [< *гидро… + оксигениум*]. *хим.* Гурӯҳи OH (оксиген – гидроген), ки ба таркиби об, спирт ва пайвастҳои дигар дохил мешавад.

**ГИДРОКСИЛАМИ́Н**, [< *гидрооксил… + аминҳо*]. *хим.* Кристаллҳои органикии заҳрноки беранг; дар об зуд ҳал мешаванд; дар химияи таҳлилӣ ба кор мебаранд.

**ГИДРОКСО́НИЙ**, [< *гидрогениум + оксигениум*]. *хим.* Катиони гидроген, ки молекулаи об ба он пайваст шудааст ($H_3O^+$); дар маҳлулҳои обии кислотаҳо вуҷуд дорад.

**ГИДРО́Л**, [< юн. hydor об + oleum равған]. Партови саноати крахмалу шира – моеи шарбатмонанди рангаш қаҳвагии баланд; дар истеҳсоли хӯроки чорво, спирти этил, инчунин дар даббоғӣ (ошдиҳии пӯст) истифода мешавад.

**ГИДРОЛА́ЗҲО**, [< юн. hydor об]. *хим.* Синфи *ферментҳое*, ки моддаҳои мураккаби органикиро ба воситаи об таҷзия мекунанд; баъзе Г.-ро дар саноати хӯрокворӣ истифода мебаранд.

**ГИДРО́ЛИЗ**, [< юн. hydor об + lysis ҳалшавӣ]. *хим.* Реаксияи мубодилаи байни модда ва об, ки ҳангоми он моддаи мураккаб ба ду (ё бештар) моддаи нав ҷудо мешавад.

**ГИДРОЛИ́МФА**, [< *гидро… + лимфа*]. Моеъе, ки дар рӯдаву рагҳои баъзе рӯдаковокҳо гардиш хӯрда, бофтаҳоро бо моддаҳои ғизоӣ таъмин менамояд.

**ГИДРОЛО́ГИЯ**, [< *гидро… + …логия*]. Илме, ки обҳои табиии рӯизаминиро таҳқиқ менамояд; ба уқёнусшиносӣ ва гидрологияи хушкӣ тақсим мешавад; Г.-и хушкӣ – илм дар бораи оби дарёҳо, кӯлҳо, обанборҳо, ботлоқҳо ва пиряхҳо; Г.-и хушкӣ ба дарёшиносӣ (потамология), кӯлшиносӣ (лимнология) ва ботлохшиносӣ ҷудо мешавад.

**ГИДРОЛОКА́ТОР**, [< *гидро… + локатор*]. Таҷҳизот барои муайян кардани ҷойи воқеъшавӣ ва суръати ҳаракати объектҳои зериобӣ.

**ГИДРОЛОКА́ТСИЯ (ГИДРОЛОКА́ЦИЯ)**, [< *гидро… + локатсия*]. Муайян кардани ҷойи воқеъшавӣ ва суръати ҳаракати объектҳои зериобӣ ба тавассути қабул кардани сигналҳои овозие, ки худи объектҳо паҳн мекунанд, ё қабул намудани сигналҳои

махсус фиристодашудае, ки дар объект акс ёфта, ба *гидролокатор* бармегарданд. || Мқс. локатсия.

**ГИДРОМЕТАЛЛУРГИ́Я**, [< *гидро…* + *металлургия*]. Бо ёрии маҳлулҳои обии моддаҳои химиявӣ аз минерал, консентратҳо ва партовҳои истеҳсолӣ ҷудо карда гирифтани металлҳо.

**ГИДРОМЕТЕОРОЛО́ГИЯ**, [< *гидро…* + *метеорология*]. Илме, ки равандҳои ҳам ба атмосфера ва ҳам ба ҳолати гидрогеологии (ниг. *гидрогеология*) Замин нисбатдоштаро меомӯзад.

**ГИДРОМЕТЕО́РҲО**, [< юн. hydor об + meteoros дар ҳаво парвозкунанда]. Маҳсули *конденсатсияи* буғи об дар атмосфера ва дар сатҳи замин; ҳама гуна боришоти атмосферӣ (аз он ҷумла туман ва абр низ).

**ГИДРОМЕ́ТРИЯ**, [< *гидро…* + *…метрия*]. Соҳаи *гидрология*, ки усулҳои чен кардани суръати ҷараёни об, сатҳ ва чуқурии онро меомӯзад.

**ГИДРОМЕХА́НИКА**, [< *гидро…* + *механика*]. Соҳаи механика, ки мувозанат ва ҳаракати моеъҳо, инчунин таъсири мутақобилаи моеъро бо ҷисмҳои дар он ғӯтондашуда ё дар он ҳаракаткунанда меомӯзад.

**ГИДРОМО́ДУЛ**, [< *гидро…* + лот. modulus андоза]. **1**. Дарғоти сӯрохидор барои чен кардани сарфи миёнаи оби дарё, канал ва ғ. **2**. Сарфи миёнаи об барои 1 гектар замини кишт дар 1 сония.

**ГИДРОМОНИТО́Р**, [< *гидро…* + англ. monitor обпошак]. Мошине, ки ба воситаи ҷараёни тези об ҷинсҳои кӯҳиро мекаъад, қубурҳоро тоза мекунад ва ғ.

**ГИДРОНА́ВТ**, [< *гидро…* + nautes шиновар]. Мутахассисе, ки дар зери об бо либос ва олоти зериобӣ (*гидрокостюм* ва *акваланг*) корҳои гуногунро иҷро мекунад. || Мқс. акванавт, океанавт.

**ГИДРОНЕФРО́З**, [< юн. hydor об + nephros гурда]. *тиб.* Васеъ шудани ҳавзак ва ҷомчаҳои гурда, ки дар натиҷаи он бофтаҳои гурда пажмурда ва нобуд мешаванд; сабаби асосии Г. халал ёфтани ихроҷи пешоб аст.

**ГИДРО́НИМ**, [< юн. hydor об + onyma ном]. *збш.* Номи ҳавзаҳои об (дарёҳо, кӯлҳо, баҳрҳо ва ғ.) чун объекти тадқиқоти забоншиносӣ. || Мқс. антропоним, топоним.

**ГИДРОНИ́МИКА**, [< юн. hydor об + onyma ном]. *збш.* **1**. Фасли забоншиносӣ, ки *гидронимҳоро* меомӯзад. **2**. Маҷмуи *гидронимҳои* ин ё он маҳал. || Мқс. топонимика.

**ГИДРОПА́ТИЯ**, [< юн. hydor об + pathos ранҷ, беморӣ]. *тиб., кӯҳна.* Муолиҷаи беморӣ ба воситаи об; ҳоло *гидротерапия* меноманд.

**ГИДРОПЛА́Н**, [< *гидро…* + *(аэро)план*]. *кӯҳна.* Ҳавопаймои бо воситаҳои шиноварӣ ҷиҳозонидашуда (*амфибия*), ки дар рӯйи об нишаста ва аз рӯйи об парвоз карда метавонад; гидроҳавопаймо; ҳавопаймои обӣ.

**ГИДРОПО́НИКА**, [< *гидро…* + юн. poneo меҳнат мекунам, иҷро мекунам]. Бе хок парвариш кардани растанӣ (дар об бо ёрии маҳлулҳои ғизонок). || Мқс. аэропоника.

**ГИДРОПУ́ЛТ (ГИДРОПУ́ЛЬТ)**, [< *гидро…* + *пулт*]. Таҷҳизоти иборат аз чалак (*бак*) ва насос, ки барои хомӯш кардани сӯхтор, ранг кардани деворҳо, ба растаниҳо пошидани дору ва ғ. истифода мешавад.

**ГИДРОСЕПАРА́ТОР**, [< *гидро…* + *сепаратор*]. Таҷҳизот барои тоза кардани сарватҳои зеризаминӣ (минерал, ангишт) бо ёрии ҷараёни пурзӯри об.

**ГИДРОСЕФА́ЛИЯ (ГИДРОЦЕФА́ЛИЯ), ГИДРОКЕФА́ЛИЯ**, [< юн. hydor об + kephale horeo сар]. *тиб.* Ҷамъ шудани моеи ҳароммағз дар ковокии косахонаи сар; истисқои мағзи сар.

**ГИДРОСИКЛО́Н (ГИДРОЦИКЛО́Н)**, [< *гидро…* + *сиклон*]. Дастгоҳ барои ҷудо карда гирифтани зарраҳои минерал аз об.

**ГИДРОСТА́Т**, [< *гидро…* + *стат*]. Дастгоҳ барои таҳқиқот ва корҳои зериобӣ; аз киштӣ бо симтаноб ба зери об то 300 м фуроварда мешавад.

**ГИДРОСТА́ТИКА**, [< *гидро…* + *статика*]. Фасли *гидромеханика* оид ба мувозанати моеъҳо ва таъсири моеъҳо ба ҷисмҳои ба онҳо ғӯтондашуда.

**ГИДРОСУЛФА́Т (ГИДРОСУЛЬФА́Т)**, [< *гидро…* + *сулфат*]. *хим.* Намаки турши кислотаи сулфат; бисулфат низ гӯянд.

**ГИДРОСУЛФИ́Д (ГИДРОСУЛЬФИ́Д)**, [< *гидро…* + *сулфид*]. *хим.* Намаки турши кислотаи сулфид. || Мқс. гидросулфат, гидросулфит.

**ГИДРОСУЛФИ́Т (ГИДРОСУЛЬФИ́Т)**, [< *гидро…* + *сулфит*]. *хим.* Намаки турши кислотаи сулфит. || Мқс. гидросулфат, гидросулфид.

**ГИДРОСФЕ́РА**, [< *гидро…* + *сфера*]. Маҷмуи уқёнусҳо, баҳрҳо, дарёҳо, кӯлҳо, обанборҳо, пиряххои кураи замин. || Мқс. атмосфера, литосфера, магнитосфера.

**ГИДРОТА́КСИС**, [< юн. hydor об + taxis тартиб, тарзи ҷойгиршавӣ]. *биол.* Ҳаракати *микроорганизмҳои* растаниҳо ва ҳайвонот ба тарафи намнокии бештар ё камтар. || Мқс. аэротаксис, фототаксис, хемотаксис.

**ГИДРОТЕРАПИ́Я**, [< *гидро…* + *терапия*]. *тиб.* Обдармонӣ; муолиҷа ва обутоб додани бадан бо об.

**ГИДРОТЕ́ХНИКА**, [< *гидро…* + *техника*]. Соҳаи техника, ки бо омӯхтани захираҳои об бо мақсади истифодаи онҳо дар хоҷагии халқ ва мубориза бо таъсири зарарноки об бо ёрии иншоотҳои гидротехникӣ (дарғотҳо, каналҳо, обанборҳо, қубурҳо ва ғ.) машғул аст.

**ГИДРОТО́РАКС**, [< юн. hydor об + thorax сина]. *тиб.* Дар даруни пардаи шуш ҷамъ шудани моеот (транссудат); бештар дар натиҷаи бемории шуш ва дил пайдо мешавад.

**ГИДРОТРОПИ́ЗМ**, [< *гидро…* + *тропизм*]. *бот.* Қобилияти хамшавии узвҳои сабзандаи растанӣ дар натиҷаи нобаробар тақсим шудани намӣ дар муҳити зисти он. || Мқс. гелиотропизм, хемотропизм.

**ГИДРОТУРБИ́НА**, [< *гидро…* + *турбина*]. Муҳаррике, ки бо ёрии ҷараёни об ба ҳаракат оварда мешавад; асосан дар нерӯгоҳҳои обии барқӣ истифода мебаранд.

**ГИДРОФИ́ЗИКА**, [< *гидро…* + *физика*]. Илме, ки равандҳои физикии дар *гидросфера* рӯйдиҳандаро меомӯзад.

**ГИДРОФИЛИ́Я**, [< *гидро…* + *…филия*]. **1**. *бот.* Гардолудшавии баъзе растаниҳои обӣ бо ёрии об; **2**. *биол.* Қобилияти бофтаҳои организм дар нигоҳ доштани об ва роҳ надодан ба хориҷшавии он.

**ГИДРОФИ́ТҲО**, [< юн. hydor об + phyton растанӣ]. *бот.* Растаниҳои обӣ, ки танҳо қисми поёнашон дар об аст, мас., шолӣ. || Мқс. геофитҳо.

**ГИДРОФО́БИЯ**, [< *гидро…* + *…фобия*]. *тиб.* Беморӣи обтарсӣ; ҳорӣ; навъе аз девонагӣ.

**ГИДРОФОБӢ**, [< *гидро…* + *…фобия*]. Тарнашаванда; р ӯ й к а ш и  Г . – рӯйкаши ба намӣ тобовар барои муҳофизати металлҳо ва масолеҳи диг. аз зангзанӣ.

**ГИДРОФО́Н**, [< *гидро…* + *…фон*]. *тех.* Асбоб барои қабул кардани мавҷҳои овозие, ки дар об паҳн мешаванд.

**ГИДРОФТА́ЛМ**, [< юн. hydor об + ophthalmos чашм]. *тиб.* Обварами чашм; ёзидан ва берун баромадани ғӯзаи чашм дар натиҷаи *глаукомаи* модарзодӣ.

**ГИДРОХИ́МИЯ**, [< *гидро…* + *химия*]. Илм дар бораи таркиби химиявии обҳои табиӣ ва қонунияти тағйирёбии онҳо бо таъсири омилҳои физикӣ, химиявӣ, биологӣ; бо *геохимия* ва *гидрогеология* робитаи зич дорад.

**ГИДРОХИНО́Н**, [< *гидро…* + *хинон*]. *хим.* Пайвасти органикӣ аз гурӯҳи *фенолҳо*; моддаи кристаллии беранге, ки дар суратгарӣ, химияи таҳлилӣ ва истеҳсоли ранг истифода мешавад.

**ГИДРОХО́РИЯ**, [< юн. hydor об + choreo ҳаракат мекунам, паҳн мешавам]. *бот.* Ба воситаи ҷараёни об паҳн шудани спора, тухм ва меваи растанӣ.

**ГИК**, [англ. geek]. Шахсе, ки ба технологияҳои баландпоя, хусусан ба компютер шавқи беандоза дорад.

**ГИЛЙОТИ́НА (ГИЛЬОТИ́НА)**, [фр. guillotine]. **1**. *таър.* Дастгоҳи сарбурӣ, ки дар вақти Инқилоби кабири Фаронса бо пешниҳоди духтур Гилотен ихтироъ шуда буд. **2**. *тиб.* Асбоб барои бурида партофтани бодомакҳои ком ё омоси ҳалқум.

**ГИЛЕ́Я,** [< юн. hyle ҷангал]. Ҷангали сернам ва ҳамешасабзи тропикӣ.

**ГИЛОЗОИ́ЗМ**, [< юн. hyle модда + zoe ҳаёт]. *фалс.* Таълимоти фалсафии Юнони Қадим дар бораи ҷондор будани тамоми материя; мувофиқи ин таълимот, ҳамаи чиз гӯё қобилияти ҳис ва фикр кардан дорад.

**ГИ́ЛБЕРТ (ГИ́ЛЬБЕРТ)**, [аз номи физики англис У. Гилберт (1544 – 1603)]. *физ.* Воҳиди қувваи магнитҳаракатдиҳанда ва фарқияти понтенсиалҳои магнитӣ; бо Гб, Gb ифода мешавад.

**ГИ́ЛДИЯ (ГИ́ЛЬДИЯ)**, [ол. Gilde]. **1**. *таър.* Дар асрҳои миёна – иттиҳодияи савдогарон ё косибон, ки манфиатҳои аъзои худро ҳимоя мекард. **2**. Умуман, ҳар гуна иттиҳодия ва иттифоқ (касбӣ, динӣ, сиёсӣ ва ғ.).

**ГИ́ЛЗА (ГИ́ЛЬЗА)**, [ол. Hulse]. Қисми силиндршакли тири милтиқ, таппонча, тӯп, ки ба даруни он борут ё дигар моддаҳои тарканда меандозанд.

**ГИМЕНЕ́Й**, [юн. Hymenaios]. **1**. Дар асотири Юнони Қадим – худои никоҳ. **2**. Суруди тӯёнаи юнониёни қадим, ки *хор* иҷро менамуд.

**ГИМЕ́НИЙ**, [< юн. hymen парда, пӯст]. *бот.* Қабати ҳуҷайраҳои сатҳ ё даруни баъзе ушнаҳо ва занбурӯғҳо, ки дар он *спораҳо* ташаккул меёбанд.

**ГИМЕНОЛЕПИДО́З**, [< юн. hymen парда, пӯст]. *байт., тиб.* Беморechи ҳайвонот (хояндаҳо, мурғобӣ, ғоз) ва одам, ки барангезандагонаш кирмҳои тасмашакли даруни рӯда мебошанд; бо вайроншавии кори узвҳои ҳозима ва системаи марказии асаб зоҳир мегардад.

**ГИМЕНОМИСЕ́ТҲО**, [< юн. hymen парда, пӯст + mykes занбурӯғ]. *бот.* Гурӯҳи занбурӯғҳои базидиявӣ (ниг. *базидия*), ки *гименийҳояшон* дар рӯйи тана ҷойгир шудаанд.

**ГИМЕНОПТЕ́РҲО**, [< юн. hymen парда, пӯст + pteron бол]. *зоол.* Гурӯҳи ҳашароти пардабол, ки ба он ғурмагасҳо, занбӯрҳо, мӯрчаҳо ва ғ. дохил мешаванд.

**ГИМН**, [< юн. hymnos]. Суруди мутантани вассофию ситоишӣ; Г.-и давлатӣ – рамзи расмии давлат дар қатори парчам ва нишони миллӣ.

**ГИМНА́ЗИЯ**, [< юн. gymnasia машқ, тамрин]. **1**. Дар Россияи пешазинқилобӣ – мактаби миёна, ки дар он одатан забонҳои қадима (мас., лотинӣ, юнонӣ) дарс дода мешуданд. **2**. Дар баъзе мамлакатҳо, аз ҷумла дар Тоҷикистон – як навъ муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ. || Мқс. коллеҷ, литсей.

**ГИМНАСИЙ**, [< юн. gymnasia машқ, тамрин]. Дар Юнони Қадим – муассисаи таълимӣ, ки дар он ҷавонону наврасони табақаҳои ашроф ва сарватманди Афина дар баробари машғул шудан бо *гимнастика* инчунин сиёсат, фалсафа ва адабиёт меомӯхтанд.

**ГИМНА́СТ**, [< юн. gymnastes муаллими *гимнастика*]. *варз.* Ҳунарпешаи сирк ё варзишгаре, ки бо *гимнастикаи* варзишӣ ё бадеӣ машғул аст.

**ГИМНАСТЁРКА**, [< рус]. Куртаи мардонаи ҳарбиён.

**ГИМНА́СТИКА**, [< юн. gymnastike машқ мекунам]. *варз.* Маҷмуи машқҳои махсуси варзишӣ ва сиркӣ барои солиму бардам гардондани бадан ва намоиш додани қувваю имкониятҳои ҷисмонии инсон; Г.-ро ба беҳдоштӣ (гигиенӣ), истеҳсолӣ, варзишӣ, бадеӣ ва ғ. ҷудо мекунанд.

**ГИМНЕ́Т**, [< юн. gymnes бесипар, беҷавшан]. Сарбози пиёдаи дорои аслиҳаи сабук дар Юнони Қадим.

**ГИНГИВИ́Т**, [< лот. gingival милки дандон]. Варами милки дандон. || Мқс. глоссит, стоматит.

**ГИНЕКЕ́Й**, [< юн. gynaikos зан]. **1**. Дар Юнони Қадим – қисми занонаи хона; ҳарамсаро. **2**. Дар империяҳои Рим ва Ватикан – устохонаи давлатӣ ё шахсие, ки дар он занҳо ва ғуломон (мардҳо) кор мекарданд.

**ГИНЕКОКРА́ТИЯ**, [< юн. gynaikos зан + kratos ҳокимият ]. Модаршоҳӣ; зансолорӣ.

**ГИНЕКОЛО́ГИЯ**, [< юн. gynaikos зан + *…логия* ]. Илми бемориҳои занона; соҳаи тиб, ки хусусиятҳои анатомию физиологии организми зан, бемориҳои узвҳои таносули занона, усулҳои табобат ва пешгирии ин бемориҳоро меомӯзад.

**ГИНЕКОМАСТИ́Я**, [< юн. gynaikos зан + mastos сина]. *тиб.* Аз меъёр калон шудани ғадудҳои шири мардон дар натиҷаи баъзе бемориҳои узвҳои тарашшуҳи дохилӣ; аломати *феминизатсия.*

**ГИНЕ́Я**, [англ. guinea < Guinea Гвинея]. *таър.* Тангаи тиллоии Англия, ки то соли 1817 дар муомилот буд; бори аввал (с. 1663) барои сикка задани Г. тиллоро аз Гвинея оварда буданд ва номаш аз ҳамин ҷост.

**ГИ́ННЕСС**, [англ. Guinness < Guinness Pablishing Ltd]. Китоби рекордҳои Г. – китобе, ки дар он оид ба комёбиҳои бузург, ҳодисаҳои аҷиби табиат ва қобилиятҳои нодири одамон маълумот дода шудааст.

**ГИПЕР…**, [< юн. hyper зиёда аз]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки аз эътидол зиёд (баланд) будани чизеро ифода мекунад, мас., *гипертония* (баръакси *гипо…*).

**ГИПЕ́РБОЛА**, [< юн. hyperbole аз ҳад зиёд]. **1**. *адш.* Муболиға, иғроқ. **2**. *мат.* Хати каҷи иборат аз ду шохаи номаҳдуд.

**ГИПЕРБОЛО́ИД**, [< *гипербола* + eidos намуд]. *мат.* Сатҳи каҷ, ки дар натиҷаи дар яке аз тирҳояш чарх занондани *гипербола* ба вуҷуд меояд.

**ГИПЕРБОРЕ́ЙҲО**, [< юн. hyperboreos дур аз Борей маскуншудагон]. **1**. Мувофиқи ривояти юнониёни қадим – халқи афсонавие, ки дар кишварҳои дури шимолӣ зиндагӣ мекардаанд. **2**. Умуман, шимолиён, мардуми шимол.

**ГИПЕРВИТАМИНО́З**, [< *гипер…* + *витамин*]. *тиб.* Заҳролудшавӣ дар натиҷаи истифодаи аз меъёр зиёди витаминҳои A ва D. || Мқс. авитаминоз, гиповитаминоз.

**ГИПЕРГЕНЕ́З**, [< *гипер…* + *…генез*]. *геол., маъд.* Маҷмуи равандҳои таҳаввулоти химиявӣ ва физикии моддаҳои минералӣ дар қисмҳои болоии қишри замин ва дар сатҳи он бо таъсири *атмосфера, гидросфера* ва организмҳои зинда.

**ГИПЕРГЕНӢ**, [< *гипер…* + *…генез*]. *геол., маъд.* Конҳои Г. – конҳои канданиҳои фоиданоке, ки дар сатҳи замин иктишоф шудаанд (нафт, газ, ангишт ва ғ.).

**ГИПЕРГИДРО́З,** [< *гипер…* + hydor об]. *тиб., физиол.* Сераракӣ; сабабҳои Г.: *стресс*, калон будани ҷусса, вайроншавии фаъолияти гормонҳо, осеби косахонаи сар ва ғ.

**ГИПЕРГИ́Я,** [< *гипер…* + юн. geia кор, фаъолият]. *тиб., физиол.* Муқобилияти сусти организм ба омилҳои бемориовари муҳити зист; ҳангоми Г. масуният паст ва қувваи бадану мубодилаи моддаҳо суст мешаванд.

**ГИ́ПЕРГЛИКЕМИ́Я**, [< *гипер…* + юн. glykys ширин + haima хун]. *тиб.* Зиёд шудани миқдори қанд (*глюкоза*) дар хун; баръакси *гипогликемия.*

**ГИ́ПЕРДАКТИЛИ́Я**, [< *гипер…* + юн. daktylos ангушт]. *анат.* Аз меъёр зиёд будани шумораи ангуштони даст ё пой; баръакси *гиподактилия.* || Мқс. полидактилия.

**ГИПЕРЕМИ́Я**, [< *гипер…* + haima хун]. Пурхунӣ; аз ҳад зиёд ғун шудани хун дар рагҳои ягон узв ё ягон қисми бадан.

**ГИПЕРЕСТЕЗИ́Я**, [< *гипер…* + aisthesis ҳис]. *тиб.* Ҳассосияти баланд ва дардноки пӯст; баръакси *гипестезия.*

**ГИПЕРИНФЛЯ́ТСИЯ (ГИПЕРИНФЛЯ́ЦИЯ)**, [< *гипер…* + *инфлятсия*]. *иқт.* Фавқуттаваррум; болоравии босуръати нархи молҳо (моҳе то 50%) ва зиёдшавии массаи пул дар муомилот.

**ГИПЕРКАПНИ́Я**, [< *гипер…* + kapnos дуд]. *тиб.* Зиёд шудани миқдори гази ангидриди карбон дар хуни шараёнҳо ва бофтаҳо; баръакси *гипокапния.*

**ГИПЕРКЕРАТО́З**, [< *гипер…* + keras қарния]. *тиб.* Аз ҳад зиёд ғафсу дурушт шудани қарнияи пӯсти инсон.

**ГИПЕРКИНЕ́З**, [< *гипер…* + kinesis ҳаракат]. *тиб.* Ҳаракатҳои маҷбурии бемаъно ва берабт дар натиҷаи бемориҳои ирсии асаб ва мағзи сар.

**ГИПЕРМЕТРОПИ́Я**, [< *гипер…* + metron андоза + opsis босира]. *тиб.* Дурбинӣ; нуқсони чашм, ки кас чизи дурро аз чизи наздик равшантар мебинад.

**ГИПЕРНЕФРО́МА**, [< *гипер…* + nephros гурда + …ома – анҷомаи номи омосҳо]. *тиб.* Омоси қишри ғадуди болои гурда, ки зоҳиран ба бофтаи ин ғадуд монанд аст.

**ГИПЕРОКСИ́Я**, [< *гипер…* + лот. oxygenium оксиген]. *тиб.* Зиёд шудани миқдори оксиген дар бофтаҳо ва узвҳо дар натиҷаи муддатҳои дароз нафас кашидан аз ҳавои тоза; баръакси *гипоксия.*

**ГИПЕРО́Н**, [< *гипер…* + лот. (electr)on электрон]. *физ.* *Бариони* ноустувор, ки массаи он аз массаи *нейтрон* бештар аст. || Мқс. лептон.

**ГИПЕРПЛАЗИ́Я**, [< *гипер…* + юн. plasis ташаккул ёфтан]. *тиб.* Афзоиш ёфтани шумораи унсурҳои сохтории бофтаҳо ё узвҳо дар натиҷаи пайдошавии барзиёди ҳуҷайраҳои нав (мас., омосҳо). || Мқс. гипоплазия.

**ГИПЕРПРОТЕИНЕМИ́Я**, [< *гипер…* + *протеин* + haima хун]. *тиб.* Зиёд шудани миқдори сафедаҳо дар зардоби хун.

**ГИПЕРСО́МНИЯ**, [< *гипер…* + лот. somnus хоб]. *тиб.* Хоболудии гоҳ-гоҳ хуруҷкунанда ё доимӣ, ки дар натиҷаи вайроншавии низоми хоб ва бедорӣ, инчунин баъзе бемориҳои асаб пайдо мешавад.

**ГИПЕРТЕ́НЗИЯ**, [< *гипер…* + лот. tensio шиддат]. *тиб.* Баландфишорӣ; аз меъёр баланд шудани фишори хун ё лимфа дар рагҳо; баланд шудани фишори дохили косахонаи сарро, ки дар натиҷаи омос, *гидросефалия*, варами мағзи сар рӯй медиҳад, Г.-и косахонавӣ ё ҷумҷумавӣ меноманд.

**ГИПЕРТЕРМИ́Я**, [< *гипер…* + therme гармӣ]. *тиб.* Аз меъёр зиёд гарм шудани бадан. || Мқс. гипотермия.

**ГИПЕРТИРЕО́З**, [< *гипер…* + thyreoidea ғадуди сипаршакл]. *тиб.* Шиддатёбии кори ғадуди сипаршакл ҳангоми ҷоғари мунташири заҳрнок, ҳомилагӣ ва дигар ҳолатҳои физиологӣ; дар натиҷаи Г. гормони *тироксин* аз меъёр зиёд ҳосил мешавад.

**ГИПЕРТОНИ́Я**, [< *гипер…* + tonos шиддат]. *тиб.* **1**. Баландфишорӣ; баланд шудани фишори хун; баръакси *гипотония.* || Мқс. гипертензия. **2**. Тарангии барзиёди мушакҳо; баландшавии шиддати (*тонуси*) бофтаҳо ва узвҳо.

**ГИПЕРТРИХО́З**, [< *гипер…* + trix (trichos) мӯй]. *тиб.*, *физиол.* Серпашмӣ; сермӯӣ; бисёр сабзидани мӯй дар ҷойҳое, ки одатан он набояд сабзад; модарзодӣ ва ғайримодарзодӣ (муҳассал) мешавад.

**ГИПЕРТРОФИ́Я**, [< *гипер…* + trophe ғизо]. **1**. *тиб.* Аз ҳад калон шудани ҳаҷми узв ё ягон қисми бадан; Г. физиологӣ (мас., Г.-и мушакҳои варзишгарон) ва патологӣ (мас., Г.-и мушакҳои дил ҳангоми иллатнокии он ё баланд будани фишори шараён) мешавад. || Мқс. гипотрофия. **2**. *маҷ.* Аз меъёр зиёд (калон, васеъ) будани ягон чиз.

**ГИПЕРФУ́НКСИЯ (ГИПЕРФУ́НКЦИЯ)**, [< *гипер…* + *функсия*]. *физиол.* Фаъолияти аз ҳад зиёди ягон узв, система ё бофта. || Мқс. гипофунксия.

**ГИПЕРХЛОРГИДРИ́Я**, [< *гипер…* + *хлор* + юн. hydor об]. *тиб.* Дар таркиби шираи меъда зиёд шудани кислотаи хлориди озод; бо зардаҷӯш, оруғ, гаронии сари дил, сӯзиши сурхрӯда зоҳир мегардад.

**ГИПЕРХЛОРЕМИ́Я**, [< *гипер…* + *хлоремия*]. *тиб.* Зиёд шудани миқдори пайвастҳои *хлор* дар хун ҳангоми баъзе бемориҳои гурда, инчунин гуруснагии тӯлонӣ.

**ГИПЕРХОЛЕСТЕРИНЕМИ́Я**, [< *гипер…* + *холестерин*]. *тиб.* Дар хун зиёд шудани миқдори *холестерин* дар натиҷаи тасаллуби рагҳо (*атеросклероз*) ва бемориҳои диг.

**ГИПЕСТЕЗИ́Я**, [< *гипо…* + aisthesis ҳис]. *тиб*. Паст шудани ҳассосияти пӯст; баръакси *гиперестезия.*

**ГИПНО́З**, [< юн. hypnos хоб]. **1**. Ҳолати ба хоб ё нимхобӣ монанди одам ва ҳайвоноти олӣ, ки ба воситаи талқин аз тарафи шахси дигар ба вуҷуд оварда мешавад; ҳангоми Г. фаъолияти на ҳамаи қишри мағзи сар, балки қисмҳои алоҳидаи он боздошта мешавад. **2**. Худи ҳамин гуна талқин. **3**. *маҷ*. Ҳар касе (чизе, хусусияте, ҳодисае), ки таъсири сахт расонда, моту мабҳут месозад.

**ГИПНОПЕ́ДИЯ**, [< юн. hypnos хоб + paideia омӯзиш]. Омӯзиш дар вақти хоби табиӣ.

**ГИ́ПНОС**, [юн. Hypnos]. Дар асотири Юнони Қадим – худои хоб; писари Шаб, бародари Марг.

**ГИПНОТЕРАПИ́Я**, [< *гипноз…* + *терапия*]. *тиб*. Табобат бо *гипноз*.

**ГИПНОТИЗЁР**, [< *гипноз*]. Гипнозгар; гипнозкунанда, талқинкунанда.

**ГИПНОТИ́ЗМ**, [< юн. hypnos хоб]. Таълимот дар бораи гипноз; илми гипноз; санъати талқин.

**ГИ́ПНУМ**, [лот. Hypnum]. *бот*. Яке аз намудҳои ушнаи сабзи баргпоя, ки дар ҷойҳои сернам мерӯяд ва аз он *торф* ҳосил мешавад.

**ГИПО…**, [< юн. hypo дар поён, дар таг, дар зер]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки аз меъёр кам (паст) будани чизеро ифода мекунад (мас., *гипотония*); баръакси *гипер…* || Мқс. суб…

**ГИПОВИТАМИНО́З**, [< *гипо…* + *витамин*]. *тиб*. Камвитаминӣ; нарасидани витамин дар организм. || Мқс. авитаминоз, гипервитаминоз.

**ГИПОГАЛАКТИ́Я**, [< *гипо…* + юн. galaktos шир]. *тиб*. Камширӣ; кам шир ҳосил намудани ғадудҳои шир.

**ГИПОГЕ́Й**, [< юн. hypogeion зеризаминӣ]. Дар давраи *неолит* – сағонаи зеризаминӣ барои якҷоя гӯр кардани гурӯҳи одамон.

**ГИПОГЕНӢ**, [< *гипо…* + *…генҳо*]. *маъд*. Дар умқи Замин пайдошуда; *эндогенӣ* низ гӯянд; к о н ҳ о и  Г. – қабатҳои фулузоти ранга, нодир, қиматбаҳо, радиоактивӣ ва диг. канданиҳои фоиданоке, ки дар умқи Замин аз гудохтаҳои магмавӣ пайдо шудаанд.

**ГИПОГЛИКЕМИ́Я**, [< *гипо…* + юн. glykys ширин + haima хун]. *тиб.* Кам шудани миқдори қанд дар хун ҳангоми бемориҳои ғадудҳои тарашшуҳи дохилӣ ва ҷигар; баръакси *гипергликемия.*

**ГИ́ПОДАКТИЛИ́Я**, [< *гипо…* + юн. daktylos ангушт]. *анат.* Аз меъёр кам будани шумораи ангуштони даст ё пой; баръакси *гипердактилия.*

**ГИПОДЕ́РМА**, [< *гипо…* + юн. derma пӯст]. *биол*. Дар ҳайвоноти бемӯҳра – қабати тунуки *эпителия*, ки дар зери *кутикула* ҷойгир шудааст; дар растаниҳо – қабати

ҳуҷайраҳо, ки дар зери пӯстпардаи (*эпидермиси*) поя, барг, тухм ва меваҳо ҷойгир шудааст.

**ГИПОДЕРМАТО́ЗҲО**, [< *гипо…* + *дерматозҳо*]. *байт.* Бемории музмини гов ва бузу гӯсфанд, ки барангезандагонаш кирми дар зери пӯст ҷойгиршудаи ғурмагас мебошад.

**ГИПОДИНАМИ́Я**, [< *гипо…* + юн. dynamis қувва]. *тиб.* Камҳаракатии бадан, ки боиси пажмурдашавии (*атрофияи*) мушакҳо, вайроншавии гардиши хун, инчунин суст шудани фаъолияти узвҳои такяву ҳаракат, нафаскашӣ ва ҳозима мегардад. || Мқс. адинамия, акинезия.

**ГИПОКАПНИ́Я**, [< *гипо…* + kapnos дуд]. *тиб.* Зиёд шудани миқдори гази ангидриди карбон дар хуни шараёнҳо ва бофтаҳо; баръакси *гиперкапния.*

**ГИПОКИНЕ́З**, [< *гипо…* + kinesis ҳаракат]. *тиб.* Маҳдудшавии ҳаракат ва қувваи он дар натиҷаи бемориҳои асаб ё мушакҳо.

**ГИПОКО́ТИЛ**, [< *гипо…* + kotyle чуқурӣ, коса]. *бот.* Қисми пояи растанӣ аз реша то баргҳои аввалин.

**ГИПОКСЕМИ́Я**, [< *гипо…* + лот. oxygenium оксиген]. *тиб.* Камшавии миқдори оксиген дар хун, ки ба *гипоксия* бурда мерасонад.

**ГИПОКСИ́Я**, [< *гипо…* + лот. oxygenium оксиген]. *тиб.* Камоксигенӣ; кам шудани миқдори оксиген дар бофтаҳо ва узвҳо дар натиҷаи муддатҳои дароз нафас кашидан аз ҳавои ифлос ё нарасидани оксиген дар ҳаво ё дар хун; баръакси *гипероксия.*

**ГИПОПАРАТИРЕО́З**, [< *гипо…* + лот. (glandula) parathyreoidea ғадуди наздисипаршакл]. *тиб.* Беморие, ки дар натиҷаи кам ҳосил шудани гормони паратирин (гормони ғадуди наздисипаршакл) инкишоф меёбад.

**ГИПОПИТУИТАРИ́ЗМ**, [< *гипо…* + лот. (glandula) pituitaria гипофиз]. *тиб.* Кори нокифояи *гипофиз*, ки бо фарбеҳшавӣ ё лоғаршавӣ, паканагӣ, пажмурдашавии олоти таносул ва ғ. зоҳир мегардад.

**ГИПОПЛАЗИ́Я**, [< *гипо…* + юн. plasis ташаккул ёфтан]. *физиол.,тиб.* Пурра инкишоф наёфтани бофта, узв, қисми бадан ё тамоми организм. || Мқс. аплазия.

**ГИПОПРОТЕИНЕМИ́Я**, [< *гипо…* + *протеин* + haima хун]. *тиб.* Кам шудани миқдори сафедаҳо дар зардоби хун.

**ГИПОСЕ́НТР**, [< *гипо…* + *сентр*]. Маркази манбаи заминҷунбӣ.

**ГИПОСМИ́Я**, [< *гипо…* + юн. osme шомма]. Суст ё нест шудани ҳисси шомма дар натиҷаи бемориҳои луобпардаи бинӣ ё асаби шомма.

**ГИПОСПАДИ́Я**, [< *гипо…* + юн. spao ёзондан, кандан]. *физиол., тиб.* Нуқси модарзоди инкишоф – вуҷуд надоштани девораи поёнии найчаи пешоббарор; хоси мардҳост; ба алоқаи ҷинсӣ ва озодона пешоб кардан монеъ мешавад.

**ГИПОСТА́З**, [< *гипо…* + юн. stasis шах шудан, бозистодан]. *тиб.* Бозистодани хун дар қисми поёнии бадан ё ягон узви бадан; дар одамоне мушоҳида мешавад, ки фаъолияти дилашон суст аст.

**ГИПОСУЛФИ́Т (ГИПОСУЛЬФИ́Т)**, [< *гипо…* + *сулфит*]. *хим. Тиосулфати* натрий, ки дар соҳаҳои суратгирӣ, бофандагӣ ва даббоғӣ истифода мешавад.

**ГИПОТА́КСИС**, [< юн. hypotaxis тобеият]. *збш.* Пайвандаки тобеъкунанда. || Мқс. паратаксис.

**ГИПОТАЛА́МУС**, [< *гипо…* + *таламус*]. *анат.* Як қисми мағзи сар, ки дар зери дӯнгии босира (*таламус*) ҷойгир шудааст; ба таркиби мағзи мобайнӣ дохил шуда, қаър ва девораи меъдачаи сеюм (қисми диэнсефалӣ)-ро ташкил медиҳад; Г. дар танзими фаъолияти гуногуни организм (хоб ва бедорӣ, фишори шараёнӣ, ҳолати рагҳо, фаъолияти дил ва ғадудҳои эндокринӣ, ҳарорат, мубодилаи моддаҳо ва ғ.) иштирок мекунад.

**ГИПО́ТЕЗА**, [< юн. hypothesis асос, тахмин]. **1**. Фарзия; тахмини илмӣ, ки барои маънидод кардани ягон ҳодиса ё раванд пешниҳод карда мешавад ва он тахмин бояд ба воситаи таҷриба тафтишу исбот карда шавад, то ки ба назарияи дурусту саҳеҳи илмӣ табдил ёбад (мас., Г. дар бораи пайдоиши ҳаёт дар рӯйи Замин). **2**. Шарти эътибор пайдо намудани ин ё он меъёри ҳуқуқӣ (мас., барои гирифтани нафақаи пиронсолӣ ба синни муайян расидан лозим аст).

**ГИПОТЕНЗИВӢ**, [< *гипо…* + лот. tensio шиддат]. *тиб.* Д о р у ҳ о и  Г . – доруҳое, ки фишори хунро паст мекунанд.

**ГИПОТЕ́НЗИЯ**, [< *гипо…* + лот. tensio шиддат]. *тиб.* Пастфишорӣ; аз меъёр паст шудани фишори хун дар рагҳо; *гипотония* низ гӯянд. || Мқс. гипертензия.

**ГИПОТЕНУ́ЗА**, [юн. hypotenusa]. *геом.* Тарафи муқобили кунҷи рости секунҷаи росткунҷа; ватари зовияи қоима. || Мқс. катет.

**ГИПОТЕРМИ́Я**, [< *гипо…* + therme гармӣ]. *тиб.* Ҳароратпастӣ; аз меъёр паст шудани ҳарорати бадани инсон ва ҳайвоноти хунгарм. || Мқс. гипертермия.

**ГИПОТИРЕО́З**, [< *гипо…* + thyreoidea ғадуди сипаршакл]. *тиб.* Беморие, ки дар натиҷаи суст кор кардани ғадуди сипаршакл ва гормони *тироксинро* кам ҳосил кардани он пайдо мешавад. || Мқс. гипертиреоз.

**ГИПОТОНИ́Я**, [< *гипо…* + tonos шиддат]. *тиб.* **1**. Пастфишорӣ; паст шудани фишори хун; бо дарди сар, чарх задани сар, сустии бадан зоҳир мегардад; баръакси *гипертония.* || Мқс. гипотензия. **2**. Пастшавии шиддати (*тонуси*) бофтаҳо ва узвҳо.

**ГИПОТРОФИ́Я**, [< *гипо…* + trophe ғизо]. **1**. *тиб.* Аз меъёр хурд шудани ҳаҷми узв ё ягон қисми бадан. || Мқс. гипертрофия. **2**. Ихтилоли музмини тағзия; камхӯрокии кӯдакон, ки тадриҷан ба лоғарӣ ва камқувватӣ мерасонад.

**ГИПОФАЛАНГИ́Я**, [< *гипо…* + phalanx буғуми ангуштон]. Аз меъёр кам будани шумораи буғумҳои ангушт; баръакси *гиперфалангия*.

**ГИПО́ФИЗ**, [< юн. hypophysis шоха]. *анат.* Ғадуди тарашшуҳи дохилии одам ва ҳайвоноти мӯҳрадор, ки дар мағзи сар ҷойгир шудааст; гормонҳои Г. ба сабзишу инкишоф, мубодилаи моддаҳо ва фаъолияти насловарӣ таъсир мерасонанд. || Мқс. эпифиз.

**ГИПОФУ́НКСИЯ (ГИПОФУ́НКЦИЯ)**, [< *гипо…* + *функсия*]. *физиол.* Фаъолияти сусти ягон узв, система ё бофта. || Мқс. гиперфунксия.

**ГИПОХЛОРГИДРИ́Я**, [< *гипо…* + *хлор* + юн. hydor об]. *тиб.* Дар таркиби шираи меъда кам шудани кислотаи хлориди озод; баръакси *гиперхлоргидрия*.

**ГИПОХЛОРЕМИ́Я**, [< *гипо…* + *хлоремия*]. *тиб.* Кам шудани миқдори пайвастҳои *хлор* дар хун дар натиҷаи талаф ёфтани оби организм (мас., ҳангоми дарунравӣ).

**ГИППАРИО́Н**, [< юн. hippos асп + Areion номи аспи бодпо дар асотири Юнони Қадим]. *пал.* Ҳайвони ширхӯр аз оилаи аспҳо, ки дар ҳар пояш сетогӣ ангушт дошт; дар давраи *неоген* зистааст.

**ГИППА́РХ**, [юн. hipparchos]. *таър.* Сардори лашкари савора дар Юнони Қадим.

**ГИППОДРО́М**, [< юн. hippos асп + dromos ҷои давидан]. Ниг. *ипподром.*

**ГИППОЛО́ГИЯ**, [< юн. hippos асп + *…логия*]. Аспшиносӣ; илм дар бораи анатомия, физиология, афзоиш, парвариши асп.

**ГИППОПОТА́М**, [юн. hippopotamos аспи обӣ]. *зоол.* Ҳайвони ҷуфтсум аз оилаи баҳмутҳо; дар Африқо зиндагӣ мекунад; дарозиаш то 4,5 м, вазнаш то 4 т.; *бегемот* (баҳмут) низ гӯянд.

**ГИППУРИ́Т**, [< юн. hippos асп + ura дум]. *пал.* Моллюски калони баҳрӣ, ки думаш ба думи асп монанд буд ва номаш аз ҳамин ҷост; дар давраи *мезозой* зиндагӣ кардааст.

**ГИПС**, [< юн. gypsos оҳак]. *маъд.* Гаҷ; минерали сафед, зардча ё хокистарранг, ки дар сохтмон, тиб (барои шикастабандӣ), истеҳсоли шиша ва чинивор ба кор меравад. || Мқс. алебастр.

**ГИПСОЛИ́Т**, [< юн. gypsos оҳак + *…лит*]. Масолеҳи сохтмон; омехтаи гаҷ (*гипс*) бо моддаҳои минералӣ ё органикӣ.

**ГИПСОМЕ́ТРИЯ**, [< юн. hypsos баландӣ + metreo чен мекунам]. *геод.* Соҳаи геодезия, ки баландиҳои мутлақу нисбии маҳалро муайян намуда, дар харитаю нақшаҳо нишон медиҳад.

**ГИПСОТЕРМО́МЕТР**, [< юн. hypsos баландӣ + *термометр*]. Асбоб барои муайян кардани фишори атмосфера аз рӯйи ҳарорати ҷӯшиши об (фишори атмосфераро дониста, бо формулаи барометрӣ баландии маҳалро аз сатҳи баҳр муайян кардан мумкин аст); термобарометр низ гӯянд.

**ГИПЮ́Р**, [< фр. guipure бофтан]. Матои тӯрӣ, ки нақшҳои барҷаста дорад.

**ГИРЛЯ́НДА**, [фр. guirlande]. Шилшилаи аз гулу сабзаҳо, коғазҳои ранга, чароғакҳо ва ғ. сохташуда, ки барои оро додани хонаҳо, кӯчаҳо, арчаи солинавӣ истифода мешавад.

**ГИРОКО́МПАС**, **ЖИРОКО́МПАС**, [< фр. gyrocompas]. Қутбнамои беақрабак; Қутбнамои (*компаси*) механикие, ки ба ҷойи ақрабак *гироскоп* дорад.

**ГИРОСКО́П, ЖИРОСКО́П**, [< юн. gyros давра + skopeo мушоҳида мекунам]. *тех*. Асбобе, ки аз ғирғираки тобхӯрандаи меҳвараш озод иборат аст; асбобро чи хеле ки надоред, ғирғиракаш мавқеи худро дигар намекунад; дар киштиҳо, ҳавопаймоҳо, мушакҳо ва ғ. ба сифати қутбнамо ва бо мақсадҳои дигар истифода мешавад.

**ГИРСУТИ́ЗМ**, [< лот. hirsutus мӯйдор, пашмин]. Аз ҳад зиёд сабзидани мӯй дар бадани зан (бештар дар болои лаб, зери манаҳ, дасту по).

**ГИРУДИ́Н**, [< лот. hirudo шуллук, золу]. *тиб*. Моддае, ки дар ғадудҳои даҳони шуллукҳои тиббӣ мавҷуд буда, дар вақти ба организм дохил кардан он ба ғафсшавии хун монеъ мешавад; барои фурӯ нишондани дард ва пешгирии варам истифода мебаранд.

**ГИРУДИНО́З**, [< лот. hirudo шуллук, золу]. *тиб*. Беморие, ки дар натиҷаи часпидани шуллук ба пӯст ё узвҳои дигар (мас., ба роҳи нафас, меъдаю рӯдаҳо ва ғ.) пайдо мешавад.

**ГИРУДОТЕРАПИ́Я**, [< лот. hirudo шуллук, золу + *терапия*]. *тиб*. Шуллукдармонӣ, золудармонӣ; барои муолиҷаи бемориҳо истифода бурдани шуллук (золу).

**ГИСТАМИ́Н**, [< лот. histos бофта + amine амин]. *хим.* Моддаи органикие, ки аз аминокислотаи *гистидин* ҳосил мешавад; дар тиб барои васеъ намудани рагҳои хунгард, муолиҷаи бемориҳои меъда ва ғ. истифода мебаранд.

**ГИСТЕРОСКО́П**, [< юн. hystera бачадон + skope муоина кардан]. *тиб*. Асбоби махсус барои муоинаи даруни бачадон.

**ГИСТЕРОСКОПИ́Я**, [< юн. hystera бачадон + skope муоина кардан]. *тиб*. Муоинаи даруни бачадон ба воситаи *гистероскоп*.

**ГИСТИДИ́Н**, [< юн. histos бофта]. *хим., тиб*. Аминокислотаи гетеросиклӣ аз гурӯҳи аминокислотаҳое, ки *протеин* ҳосил мекунанд; ба сабзишу барқарор намудани бофтаҳо ёрӣ мерасонад; Г.-ро ҳангоми муолиҷаи *артритҳои* тарбодмонанд, *аллергия*, камхунӣ истифода мебаранд.

**ГИСТИОСИ́ТҲО (ГИСТИОЦИ́ТҲО)**, [< юн. histos бофта + kytos ҳуҷайра]. *биол*., *тиб*. Ҳуҷайраҳои бофтаи пайвасткунандаи одам ва ҳайвоноти мӯҳрадор; заррачаҳои гуногун, аз ҷумла бактерияҳоро дошта, ҳазм менамоянд.

**ГИСТО..., ГИСТИО...**, [< юн. histos бофта]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки ба бофтаҳои бадан нисбат доштанро ифода мекунад, мас., *гистогенез*.

**ГИСТОГЕНЕ́З**, [< *гисто…* + *…генез*]. *биол*. Инкишофи бофтаҳои организми зинда.

**ГИСТОГЕНӢ**, [< *гисто…* + *…генӣ*]. *биол*. Бофтазод; аз бофтаҳои зинда пайдошуда.

**ГИСТОГРА́ММА,** [< юн. қад.]. *Диаграммаи* сутуншакл, яке аз навъҳои тасвири графикии маълумоти оморӣ; аз росткунҷаҳои омехта (андаруни якдигар) иборат аст.

**ГИСТО́ЛИЗ**, [< юн. histos бофта + lysis вайроншавӣ, ҳалшавӣ]. *биол*. Бофтаҳои зиндаро ҳал ва нобуд кардани *ферментҳои* бофтазод ё бактериязод.

**ГИСТОЛО́ГИЯ**, [< *гисто…* + *…логия*]. Бофташиносӣ; як соҳаи *морфология*, ки сохтор, инкишоф ва фаъолияти бофтаҳои ҳайвоноти серҳуҷайра ва одамро меомӯзад.

**ГИСТО́НҲО**, [< юн. histos бофта]. *хим., биол*. Гурӯҳи сафедаҳо ё *протеинҳо*, ки дар ядрои бисёр ҳуҷайраҳои ҳайвонот ва растаниҳо мавҷуданд. || Мқс. албумин, глобулин.

**ГИСТОПЛАЗМО́З**, [< *гисто…* + *плазмоз*]. *тиб*. Бемории Дарлинг, *ситомикози* Дарлинг; *микози* амиқ, ки ангезандаи он занбӯруғи Histoplisma capsulatum мебошад; ҳангоми Г. таби баланд, табларза, дарди мушаку устухонҳо, сулфа, дилбеҳузурӣ, қай, дарунравӣ мушоҳида мешавад.

**ГИСТОХИМИЯ**, [< *гисто…* + *химия*]. Соҳаи бофташиносӣ (*гистология*), ки хосиятҳои химиявии бофтаҳои ҳайвонот ва одамро таҳқиқ менамояд.

**ГИСТРИО́Н**, [< лот. histrio]. *таър*. **1**. Дар Рими Қадим – актёри театр. **2**. Дар асрҳои миёна – масхарабоз, ширинкор.

**ГИТ**, [англ. heat]. *варз*. **1**. Пойгаи аспдавонӣ, велосипедронӣ ё мотосиклронӣ ба масофаи муайян (1600 м). **2**. Дар пойга баробар ба марра расидани давандаҳо, аспҳо, велосипедҳо, мотосиклҳо ва ғ.

**ГИТА́РА**, [< исп. guitarra]. Гитор; асбоби мусиқӣ, ки торҳои симин дошта, бо нохун ё нӯги ангуштон менавозанд.

**ГИТЛЕРЮ́ГЕНД**, [< ол. Hitler Гитлер + jugend ҷавонон]. Ташкилоти фашистии ҷавонон, ки аз с. 1926 то с. 1945 дар Олмон зери назорат ва роҳбарии ҳизби натсистӣ фаъолият мекард.

**ГИФОМИСЕ́ТҲО**, [< юн. hyphe бофта + mykes занбӯруғ]. *биол*. Гурӯҳи занбурӯғҳои муфтхӯри бемориоваре, ки бо ёрии *спораҳо* афзоиш меёбанд.

**ГЛАВК**, [< рус. кӯтоҳшудаи Главный комитет]. Саркумита; номи идораи болоии баъзе ташкилотҳои давлатӣ, маъмурӣ, хоҷагӣ, ки ба ҳайати вазоратҳо ва кумитаҳои давлатӣ дохил мешаванд.

**ГЛАДИА́ТОРҲО**, [лот. gladiatores < gladius]. *таър*. Дар Рими Қадим (то асри V мил.) – ғуломон, асирони ҳарбӣ, маҳкумшудагон ва шахсони дигаре, ки ба ҷанги хунини байни якдигар ё зидди ҳайвонҳои дарранда дар саҳнаи сирк маҷбур карда мешуданд; одатан дар мактабҳои махсус таълим мегирифтанд; Г.-и озоде низ буданд, ки ба ивази пул меҷангиданд.

**ГЛАДИО́ЛУС**, [< лот. gladiolus шамшер]. *бот.* Гули ёқут; растании ороишӣ аз оилаи савсанҳои пиёзбех (тақр. 200 намуд); гулҳои калон ва баргҳои дарози шамшермонанд дорад (номаш аз ҳамин ҷост);

**ГЛАЗЕ́Т**, [< фр. glace ҷилонок]. Матои абрешимӣ (*парча*), ки нақшҳои барҷастаи зарҳалӣ ё нуқраранг дорад.

**ГЛАМУ́Р**, [< англ., фр. glamour фатонат]. Зиндагии бошукӯҳ, бодабдаба, бокарруфар.

**ГЛАЗУ́Р (ГЛАЗУ́РЬ)**, [ол. Glasur < Glas шиша]. **1.** Маҳлули шишамонанди шаффоф ё ношаффоф, беранг ё рангине, ки бо он маснуоти чинӣ (*фаянсӣ*) ё сафолиро барои ҷилонок, обногузар ва ба таъсири кислотаю ишқорҳо тобовар шуданашон рӯйкаш мекунанд. **2**. Қиёми қанде, ки дар рӯи мева, конфет, маснуоти хамирӣ ва ғ. мемоланд.

**ГЛА́НДАҲО**, [< лот. glans ҷалғӯза]. *анат.* Бодомакҳо; ғадудҳои лимфавии ҳалқ.

**ГЛА́СИС**, [ол. Glacis]. *ҳарб.* Хоктеппаи назди истеҳком ё қалъа.

**ГЛАУКО́МА**, [< юн. glaukos сабзи нилгун]. *тиб.* Оби марворид; бемории музмини чашм, ки дар натиҷаи баланд шудани фишори хуни даруни чашм пайдо мешавад.

**ГЛАУКОНИ́Т**, [< юн. glaukos сабзи нилгун]. *маъд.* Силикати обии алюминий, оҳан, калий, калсий, магний ва натрий; таркиби химиявиаш мураккаб аст; барои кам кардани дуруштии об, истеҳсоли ранги сабз ва нурии калийдор истифода мешавад.

**ГЛЕЙКО́МЕТР**, [< юн. gleukos майи ширин + *…метр*]. Асбоб барои чен кардани миқдори қанд дар май.

**ГЛЁТ**, [ол. Glatte]. Номи техникии *оксиди* сурб; хокаи зардчатоби кристаллӣ, ки дар истеҳсоли *глазур*, ранг, масолеҳи сурбӣ ба кор меравад.

**ГЛЕ́ТЧЕР**, [< лот. glacies ях]. Пирях; ғуншавии табиии ях дар сатҳи замин.

**ГЛИКЕМИЯ**, [< юн. glykys ширин + haima хун]. *тиб.* Барзиёдии қанд (*глюкоза*) дар хун.

**ГЛИКОГЕ́Н**, [< юн. glykys ширин + genos ҳосил кардан]. *биол.*, *тиб. Полисахарид – карбогидрати* асосии эҳтиётии организми одам ва ҳайвонот, ки дар ҷигар ва мушакҳо аз қанди хун пайдо мешавад; номи пештарааш крахмали ҳайвонот. || Мқс. дисахаридҳо, крахмал, олигосахаридҳо.

**ГЛИКОГЕНО́ЗҲО**, [лот. glycogenosis]. *тиб.* Гурӯҳи бемориҳои ирсие, ки дар натиҷаи вайрон шудани мубодилаи карбогидратҳо пайдо мешаванд.

**ГЛИКОЗИДО́З**, [лот. glycosidosis]. *тиб.* Бемории ирсие, ки дар натиҷаи норасоии ягон ферменти гурӯҳи гликозидазаҳо пайдо мешавад.

**ГЛИКОЗИ́ДҲО**, [< юн. glykys ширин + eidos намуд]. *биол.*, *хим.* Гурӯҳи пайвастҳои органикие, ки молекулаҳояшон аз карбогидрат ва агликон иборатанд; дар растаниҳо вуҷуд доранд; дар тиб истифода мешаванд.

**ГЛИКОЗОМЕ́ТР**, [лот. glycosometer]. *тиб.* Асбоб барои муайян кардани миқдори қанди пешоб.

**ГЛИКОЗУРИ́Я**, [< юн. glykys ширин + uron пешоб]. *тиб.* Бо пешоб хориҷ шудани *глюкоза* – аломати асосии диабети қанд.

**ГЛИКОКО́Л**, [< юн. glykys ширин + kolla ширеш]. *хим., физиол.* Ниг. глитсин.

**ГЛИКОКОРТИКОСТЕРО́ИД**, [лот. glycocorticosteroida]. *тиб.*, *физиол.* Гормоне, ки аз қишри ғадудҳои болои гурда ҳосил шуда, глюкозаро ба *гликоген* мубаддал мекунад ва бо таъсири он раванди аз сафеда ҳосил шудани гликогени нав шиддат меёбад.

**ГЛИКО́ЛИЗ**, [< юн. glykys ширин + lysis таҷзия]. *физиол.* Раванди мураккаби ферментии таҷзияи глюкоза, ки бе иштироки оксиген дар бофтаҳои ҳайвонот ва одам сурат мегирад.

**ГЛИКОЛИПИ́ДҲО**, [< юн. glykys ширин + lipos чарбу]. *хим.* Моддаҳои чарбумонанди карбогидратдор, ки ҷузъи асосии *мембранаи* ҳуҷайраҳо ба шумор меравaнд.

**ГЛИКОМЕТАБОЛИ́ЗМ**, [лот. glycometabolismus]. Мубодилаи карбогидратҳо дар организм.

**ГЛИКОМИЕЛИ́Я**, [лот. glycomyelia]. *тиб., физиол.* Барзиёдии қанд дар мағзи устухон.

**ГЛИКОПЕНИ́Я**, [лот. glycopenia]. *тиб., физиол.* Камшавии миқдори қанд дар бофтаҳо.

**ГЛИКОПРОТЕИ́ДҲО**, [< юн. glykys ширин + *протеидҳо*]. *хим.* Сафедаҳои мураккабе, ки дар таркибашон *протеин* ва *карбогидратҳо* (одатан *полисахаридҳо*) доранд; бисёре аз сафедаҳои *плазмаи* хун ба Г. мансубанд. || Мқс. липопротеидҳо.

**ГЛИКОФИ́ТҲО**, [< юн. glykys ширин + phyton растанӣ]. *бот.* Растаниҳое, ки дар замину обҳои бенамак мерӯянд. || Мқс. галобионтҳо, галофитҳо.

**ГЛИНТВЕ́ЙН**, [< ол. Gluhender Wein майи гарм]. Нӯшокии ҷӯш, ки одатан аз майи сурх, қанд ва адвия тайёр мекунанд. || Мқс. грог, коктейл, крюшон.

**ГЛИОБАКТЕ́РИЯ**, [лот. gliobacterium]. *мкб.,тиб.* Бактерияҳои луобпардадор.

**ГЛИО́МА**, [фр. gliome]. *тиб.* Омосе, ки аз бофтаҳои такягоҳии (*невроглияи*) асабияи марказӣ иборат аст; одатан дар мағзи сар ва ҳароммағз пайдо мешавад. || Мқс. ангиома, атерома, бластома, миома.

**ГЛИ́ПТИКА**, [< юн. glypho мебурам]. *тиб.* Ҳаккокӣ дар санг.

**ГЛИПТОТЕ́КА**, [< юн. glyptos ҳаккокишуда, тарошидашуда + theke анбор, махзан]. Маҷмуи сангҳои ҳаккокишуда ва асарҳои ҳайкалтарошӣ, осорхонаи ҳайкалу муҷассамаҳо.

**ГЛИССА́ДА**, [фр. glissade]. Маҳруки (*траекторияи*) парвози ҳавопаймо, чархбол, планер ҳангоми фуруд омадан.

**ГЛИССА́НДО**, [ит. glissando]. *мус*. Усули навохтани асбоби мусиқӣ – равон, сабук ва зуд лағжондани ангуштон дар рӯи торҳои асбоби торӣ ё забонакҳои (клавишҳои) фортепиано.

**ГЛИ́ССЕР**, [фр. glisser лағжидан]. Киштии тагҳамвори тезгард; ҳангоми шино кардан қисми пешаш боло шуда, тагаш рӯ-рӯи об «мелағжад»; барои мусофиркашӣ ва мусобиқаҳои варзишӣ истифода мешавад.

**ГЛИТСЕРИДҲО (ГЛИЦЕРИ́ДҲО)**, [< юн. glykys ширин + eidos намуд]. *хим*. Пайвастҳои органикӣ – эфирҳои мураккаби *глитсерин*.

**ГЛИТСЕРИ́Н (ГЛИЦЕРИ́Н)**, [< юн. glykys ширин]. *хим*. Пайвасти органикии *алифатӣ*, моеъи беранги часпаки ширин, ки бо роҳи коркарди химиявии чарбу ҳосил карда мешавад; дар техника ва тиб истифода мебаранд.

**ГЛИТСЕРИ́НҲО (ГЛИЦЕРИ́НҲО)**, [< *глитсерин*]. *хим*. Номи умумии спиртҳои сеатома.

**ГЛИТСИ́Н (ГЛИЦИ́Н)**, [< юн. glykys ширин]. *хим*. Аминокислотае, ки дар таркиби бисёр сафедаҳо ва пайвастҳои фаъоли биологӣ вуҷуд дорад; *гликокол* низ гӯянд.

**ГЛИТСИ́НИЯ (ГЛИЦИ́НИЯ)**, [< юн. glykys ширин]. *бот*. Девток; растании ороишӣ аз оилаи лӯбиёгиҳо, ки навдаҳои печанда ва гулҳои хушбӯй дорад (тақр. 10 намуд); дар ҷангалҳои тропикӣ ва субтропикии Нимкураи шимолӣ мерӯяд.

**ГЛИ́Я**, [< юн. қад.]. *анат*. Ҳуҷайраҳои такягоҳӣ ва муҳофизатии мағзи сар; *нейроглия* низ гӯянд.

**ГЛОБАЛИЗАТСИЯ (ГЛОБАЛИЗА́ЦИЯ)**, [< *глобалӣ*]. Ҷаҳонишавӣ; миқёс ё хусусияти умумиҷаҳонӣ (*глобалӣ*) гирифтани ҳодисае, раванде.

**ГЛОБАЛӢ́**, [< лот. globus кура]. **1**. Ҷаҳонӣ; умумиҷаҳонӣ; ҳар чиз ё раванди тамоми кураи заминро фарогиранда. **2**. Ҳамаҷиҳата, умумӣ, куллӣ, пурра, миқёсан васеъ, ҳамаро дарбаргиранда.

**ГЛОБУЛИНЕМИ́Я**, [лот. globulinaemia]. *физиол., тиб*. Вуҷуд доштани *глобулинҳо* дар пешоб.

**ГЛОБУЛИ́НҲО**, [< лот. globulus кура]. *биол., хим*. Гурӯҳи сафедаҳои растанӣ ва ҳайвонот, ки дар табиат васеъ паҳн шудаанд; дар маҳлули намакҳои муътадил, кислотаҳои сероб, ишқорҳо ҳал шуда, дар об ҳал намешаванд. || Мқс. албумин.

**ГЛОБУЛЯРӢ́**, [< лот. globulus кура]. Курашакл.

**ГЛО́БУС**, [лот. globus кура]. Амсилаи дар гирди тири худ тобхӯрандаи кураи замин ё ягон ҷирми осмонӣ, ки ба сифати асбоби аёнии таълимӣ истифода мешавад.

**ГЛОМЕРУЛОНЕФРИ́Т**, [< лот. globus кура + *нефрит*]. *тиб*. Варами калобачаҳои гурда. || Мқс. нефрит.

**ГЛО́ССА**, [< юн. glossa забон]. **1**. *збш*. Тарҷума ё тафсири калима ё ибораи нофаҳмо дар ҳошияи дастхат (одатан дастхати қадима). **2**. *ҳуқ*. Тафсири илмии қонунҳо ё қарорҳои суд. **3**. *зоол*. Моҳии на чандон калон аз оилаи *камбалаҳо*, ки дар баҳрҳои Сиёҳ ва Азов зиндагӣ мекунад; шаклаш ба шакли забон монанд аст ва шояд номаш аз ҳамин ҷост.

**ГЛОССАЛГИ́Я**, [< юн. glossa забон]. *тиб*. Дард, сихзанӣ, карахтшавии забон, ки баъзан ба лабҳо, милкҳои дандон, ком, рухсора, гулӯ паҳн мешавад; бештар дар синни пиросолӣ дар натиҷаи бемориҳои аъзои ҳозима ва асаб рӯй медиҳад.

**ГЛОССА́РИЙ**, [лот. glossarium]. *збш*. Луғати тафсирии калимаҳои кӯҳнашуда ё камистеъмол, ки одатан барои матнҳои душворфаҳми қадима тартиб дода мешавад.

**ГЛОССА́ТОР**, [< юн. glossa забон]. **1**. Ниг. *глоссарий*. **2**. Муфассири қонунҳо ё қарорҳои суд.

**ГЛОССИ́Т**, [< юн. glossa забон]. *тиб*. Варами забон, ки дар натиҷаи *стоматит*, бемориҳои хун, *авитаминоз*, зуком, сурхча, махмалак (*скарлатина*) ва ғ. пайдо мешавад.

**ГЛОССОЛА́ЛИЯ**, [< юн. glossa забон + laleo норавшан гап мезанам, мелаққам]. **1**. Дар маросимҳои динии баъзе мазҳабҳо (*сектаҳо*) – ҳангоми ба ваҷд омадан (ҷунун) бо доду фиғон талаффуз кардани калимаҳои бемаъно ва берабт. **2**. Ихтилоли нутқ, ки бо талаффузи калима, ҳиҷо ва овозҳои нофаҳмо зоҳир мегардад.

**ГЛОССОПЛЕГИ́Я**, [лот. glossoplegia]. *тиб*. Фалаҷи забон.

**ГЛОССОПТО́З**, [лот. glossoptosis]. *тиб*. Ба дарун афтодани забон.

**ГЛОССОРА́ГИЯ**, [лот. glossorrhagia]. *тиб*. Хуншории забон.

**ГЛОТТАЛИЗА́ТСИЯ (ГЛОТТАЛИЗА́ЦИЯ),** [< юн. glossa забон]. *збш*. Талаффузи ҳалқӣ; тарзи талаффузи овозҳои нутқ, ки ҳангоми он ҳалқ пеши ҷараёни ҳаворо мегирад.

**ГЛОТТИ́Т**, [лот. glottitis]. *тиб*. Варами садопардаҳо.

**ГЛОТТОГО́НИЯ**, [< юн. glossa забон + gonos таваллуд]. *збш*. Пайдоиш ва инкишофи ин ё он забон.

**ГЛОТТОЛО́ГИЯ**, [< юн. glossa забон + …*логия*]. Номи пештараи забоншиносӣ (*лингвистика*).

**ГЛОТТОХРОНОЛО́ГИЯ**, [< юн. glossa забон + *хронология*]. *збш*. Соҳаи забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, ки бо ошкор намудани суръати тағйиротҳои забонӣ, муайян кардани замони ҷудошавии забонҳои бо якдигар хеш ва дараҷаи наздикии онҳо машғул аст.

**ГЛУТАМИ́Н**, [< юн. glykys ширин]. *Амиде*, ки ба таркиби сафедаҳо дохил мешавад; дар мубодилаи нитроген иштирок менамояд.

**ГЛУТАТИО́Н**, [< юн. glykys ширин]. *Пептиде*, ки аз боқимондаҳои се аминокислота – глутамин, систеин ва глитсин иборат аст; дар ҳамаи организмҳои зинда вуҷуд дорад.

**ГЛЮК**, [< *галлюсинатсия*]. *жарг*., *инф*. Нуқсон, вайронӣ, хатои сабабаш номаълум ҳангоми иҷрои барномаи компютерӣ.

**ГЛЮКАГО́Н**, [< юн. glykys ширин + gonos таваллуд]. *биол*. Гормоне, ки ғадуди зери меъдаи одам ва ҳайвонот ҳосил мекунад; *антагонисти* физиологии *инсулин*; дар танзими мубодилаи карбогидратҳо иштирок намуда, ба мубодилаи чарбу таъсир мерасонад; ба хун ҳамроҳ шуда, миқдори глюкозаро зиёд мекунад.

**ГЛЮКОГЕНЕ́З**, [< юн. glykys ширин + *…генез*]. Раванди ҳосилшавии *глюкоза* дар организм на аз *гликоген*, балки аз моддаҳои диг., мас., аз кислотаи ангур.

**ГЛЮКО́ЗА**, [< юн. glykys ширин]. Қанди ангур; *карбогидрат* аз гурӯҳи моносахаридҳо, ки таъми ширин дорад; дар об нағз ҳал мешавад; дар растаниҳо ва организмҳои зинда вуҷуд дорад; дар саноат Г.-ро тавассути *гидролизи* крахмал ҳосил мекунанд; Г. дар саноати қаннодӣ, тиб ва байторӣ васеъ истифода мешавад. || Мқс. галактоза, сахароза, фруктоза.

**ГЛЮКОЗИ́ДҲО**, [< юн. glykys ширин + eidos намуд]. *биол*., *хим*. *Гликозидҳое*, ки аз *глюкоза* ҳосил шудаанд.

**ГЛЮКОЗОМЕ́ТР**, [< *глюкоза* + *…метр*]. *тиб*. Асбоб барои чен кардани таносуби қанди пешоб дар мавриди *глюкозурия*.

**ГЛЮКОЗОТЕРАПИ́Я**, [< *глюкоза* + *…терапия*]. *тиб*. Табобат бо *глюкоза*.

**ГЛЮКОЗУРИ́Я**, [лот. glucosuria]. *тиб*. Бо пешоб хориҷ шудани *глюкоза*.

**ГЛЮКОКОРТИКО́ИДҲО**, [< юн. glykys ширин + *кортикостероидҳо*]. *биол*., *хим*. Гормонҳои (*стероидҳои*) ҳайвонот ва одам, ки дар танзими мубодилаи карбогидратҳо, сафедаҳо ва чарбуҳо иштирок менамоянд.

**ГЛЮТИ́Н**, [< юн. gluten ширеш]. Шириш, ки аз тағояк, рагу пайи ҳайвонот ва пулакчаҳои моҳӣ тайёр мекунанд; барои ширеш кардани маснуоти чӯбин ба кор меравад.

**ГЛЮТИ́Т**, [лот. glutitis]. *тиб*. Варами мушакҳои сурин (дунба).

**ГЛЮТСИ́Н (ГЛЮЦИ́Н)**, [< юн. glykys ширин]. *хим*. Пайвасти химиявие, ки дар оби гарм нағз ҳал мешавад; назар ба қанд 100-300 маротиба ширинтар аст.

**ГЛЯНСГО́ЛД (ГЛЯНЦГО́ЛЬД)**, [ол. Glanzgold тиллои моеъ]. Моеъи бӯрранги часпаке, ки дар таркибаш тилло дорад; дар наққошии зарфҳои чинӣ ба кор меравад.

**ГЛЯНСЗИ́ЛБЕР (ГЛЯНЦЗИ́ЛБЕР)**, [ол. Glanzsilber нуқраи моеъ]. Моеъе, ки дар таркибаш *платина* ё *палладий* дорад; дар наққошии зарфҳои чинӣ ба кор меравад.

**ГЛЯСЕ́**, [фр. glase яхин, сард]. Қ а ҳ в а и  Г . – қаҳваи сиёҳ бо яхмос.

**ГЛЯСИА́Л (ГЛЯЦИА́Л)**, [лот. glacialis яхӣ]. Давраи ях; давраи яхбандӣ; фосилаи вақти таърихи геологии Замин, ки дар он ҳаво ниҳоят сард шуда, на фақат дар арзҳои қутбӣ, балки дар арзҳои иқлимашон муътадил низ яххои материкӣ ба вуҷуд омада буданд.

**ГЛЯТСИОЛО́ГИЯ (ГЛЯЦИОЛО́ГИЯ)**, [лот. glacies яхӣ + ...*логия*]. Пиряхшиносӣ; илм дар бораи пиряххо ва яххои зеризаминӣ, пайдоиш, хусусият, таркиб, инкишоф ва фаъолияти геологию геоморфологии онҳо.

**ГНАТИ́Т**, [лот. gnathitis]. *тиб*. Варами ҷоғи поён.

**ГНАТОРА́ГИЯ**, [лот. gnathorrhagia]. *тиб*. Хунравӣ аз луобпардаҳои рухсор ё ҷоғ.

**ГНАФА́ЛИУМ**, [лот. gnaphalium]. *бот*. Растанӣ аз оилаи мураккабгулҳо, ки хӯшагулҳои хушк дорад; дар тиб ба кор мебаранд.

**ГНЕЙС**, [ол. Gneis]. *геол*. Ҷинси кӯҳӣ, ки ҳангоми *метаморфизми* ҷинсҳои таҳшиншуда ва ҷинсҳои фавворазада пайдо мешавад.

**ГНЕ́ТУМ**, [лот. Gnetum]. *бот*. Яке аз намудҳои изғичи печон (лиана); дар шакли бутта ё дарахти на чандон калон вомехӯрад (тақр. 30 намуд); дар ҷангалҳои тропикии сернам мерӯяд; тухм ва баргҳои ҷавонаш хӯрданбобанд.

**...ГНОЗИЯ**, [< юн. gnosis дониш]. Қисми калимаҳои мураккаб, ки илм, донишро ифода мекунад.

**ГНОМ**, [ол. Gnom]. **1**. Дар асотири Аврупои Ғарбӣ – рӯҳи зеризаминӣ; одами паканаи бадафти ришдор, ки ганҷҳои зеризаминро посбонӣ менамояд; дар зери замин, ҷангал ё кӯҳ зиндагӣ мекунад; Г. деҳқононро нағз намебинад, чунки онҳо заминро ҷуфт карда, ба хазинаи зеризаминии ӯ зарар мерасонанд. **2**. *маҷ*. Одами пакана.

**ГНО́МА**, [< юн. gnome]. Дар назми баъзе халқҳои Аврупо – байт ё рубоии ҳикматнок.

**ГНОСЕОЛО́ГИЯ**, [< юн. gnosis дониш + ...*логия*]. *фалс*. Назарияи маърифат; яке аз қисмҳои фалсафа, ки қонуният ва имкониятҳои маърифат, муносибати эҳсосот, тасаввурот ва мафҳумҳоро нисбати воқеияти объективӣ, манбаъ ва шаклу усулҳои маърифати илмиро меомӯзад; асоси фалсафию методологии тамоми илми муосир ба шумор меравад.

**ГНО́СТИКА**, [< юн. gnosis дониш]. *фалс*. Маърифат; илме, ки моҳияти ашёро таҳқиқ мекунад.

**ГНО́СТИКҲО**, [< *гностика*]. *фалс*. Пайравони *гностисизм*.

**ГНОСТИСИ́ЗМ (ГНОСТИЦИ́ЗМ)**, [< юн. gnosis дониш]. *фалс*. Ҷараёни динию фалсафии аҳди атиқа (асрҳои I-V), ки аз омехтаи аҳкоми динҳои шарқию насронӣ ва фалсафаи идеалистии Юнон иборат аст.

**ГНОТОБИО́ТҲО**, **ГНОТОБИО́НТҲО**, [< юн. gnotos маълум, муайян + *биотҳо*]. *биол*. Ҳайвоноти бемикроб ё ҳайвоноти дар шароити тамйизи комил парваришшуда барои гузарондани таҷрибаҳои илмӣ (мас., харгӯшҳо, кӯрмушҳои обӣ, мушҳо ва ғ.).

**ГНУ**, [англ. gnoo]. *зоол.* Ғизол; ҳайвони ҷуфтсум аз оилаи ковокшохҳо; дарозии баданаш то 2,5 м; дар ҳамвориҳои Африқои Шарқӣ ва Ҷанубӣ зиндагӣ мекунад.

**ГОБЕЛЕ́Н**, [фр. gobelin – аз номи рангмоли машҳури парижӣ Ж.Гобелен, ки дар асри 17 зиндагӣ кардааст]. Гилеми дастии деворӣ, ки дар рӯяш сурати ягон чиз бофта шудааст.

**ГО́БЕЛЬ (ГО́БЕЛ)**, [ол. Hobel ранда]. Асбоб барои дастӣ буридани канорҳои китоб пеш аз муқовабандӣ.

**ГОБО́Й**, [фр. hautbois дарахти баланд]. *мус.* Асбоби чӯбини мусиқии нафасӣ, ки ба сурнай монанд аст; аз рӯйи баландии овоз дар байни *флейта* ва *кларнет* меистад.

**ГО́ГОЛ-МО́ГОЛ (ГО́ГОЛЬ-МО́ГОЛЬ)**, [ол. Gogel-mogel]. Зардии тухми хом, ки бо шакар омехта карда шудааст.

**ГОЙ**, [< яҳ. қад.]. Ғайрияҳудӣ; шахсе, ки дини яҳудиро қабул накардааст.

**ГОЛ**, [англ. goal нишон, ҳадаф]. *варз.* Холе, ки баъди ба дарвозаи ҳариф даромадани тӯб ё шайба ҳисоб карда мешавад.

**ГОЛГО́ФА**, [юн. Golgopha]. **1**. Теппае дар назди Байтулмуқаддас, ки дар он ҷо гунаҳгорон ба қатл расонда мешуданд; мувофиқи ривояти Инҷил, Исо дар ҳамин ҷо мехкӯб шудааст. **2**. *маҷ.* Ҷойи ранҷу азоб.

**ГОЛИА́РД**, [фр. goliard]. *таър.* Дар Фаронсаи асримиёнагӣ – актёри оворагард, сарояндаи сурудҳои ҳаҷвию танқидӣ.

**ГОЛИА́Ф**, [< яҳ. қад.]. **1**. Мувофиқи ривояти Библия, паҳлавони азимҷуссаи филистимӣ, ки чӯпон Давид ӯро дар ҷанги тан ба тан мағлуб намуда, подшоҳ шудааст. **2**. *маҷ.* Одами қавию азимҷусса. **3**. *зоол.* Гамбуски калон аз оилаи мӯйлабпаҳнҳо, ки дар ҷангалҳои Африқои Марказӣ зиндагӣ мекунад (5 намуд). **4**. *зоол.* Голиафҳо – қурбоққаҳои калоне, ки дар дарёҳои Камерун ва Рио-Муни зиндагӣ мекунанд; дарозиашон то 25 см, вазнашон то 3,2 кг; африқоиён онро дар хӯрок истифода мебаранд.

**ГОЛКИ́ПЕР**, [англ. goal-keeper]. *варз.* Дарвозабон дар бозиҳои футбол, хоккей, гандбол ва ғ.

**ГОЛЛИВУ́Д**, [англ. Hollywood]. Яке аз ноҳияҳои Лос-Анҷелес, ки дар он қисми асосии саноати кинобарории Амрико ҷой гирифтааст.

**ГОЛОГРА́ММА**, [< юн. holos пурра + …*грамма*]. Тасвири ашё дар лавҳачаи махсуси суратгарӣ (фотопластинка), ки бо усули *голография* ба вуҷуд оварда шудааст.

**ГОЛОГРА́ФИЯ**, [< юн. holos пурра + …*графия*]. Усули ҳосил намудани тасвири ҳаҷмноки ашё, ки ба якҷояшавии (*интерференсияи*) ду нури рӯшноӣ – нури манбаи рӯшноӣ (*лазер*) ва нуре, ки худи ашё инъикос мекунад, асос ёфтааст.

**ГОЛОКРИНӢ**, [< юн. holos пурра + …krino ҷудо мекунам]. *физиол.* Ғ а д у д ҳ о и  Г. – ғадудҳое, ки ҳуҷайраҳояшон баъди тарашшӯҳ мемиранд, мас. ғадудҳои чарбу.

**ГОЛОТУ́РИЯҲО**, [юн. holothuria]. *зоол.* Бодирингҳои баҳрӣ; синфи ҷонварони бемуҳраи баҳрӣ аз ҷинси сӯзанпӯстҳо, ки танаи дарозрӯя доранд (тақр. 1100 намуд); баъзе аз намудҳои он хӯрданбобанд.

**ГОЛОФА́Н**, [< юн. holos пурра + phanos равшан]. Сарпӯши шишагини шаффофи чароғ, ки барои шикастан, инъикос ё пароканда намудани нурҳои рӯшноӣ хизмат мекунад. || Мқс. абажур.

**ГАЛОСЕ́Н (ГОЛОЦЕ́Н),** [< юн. holos пурра + kainos нав]. *геол.* Давраи баъди яхбандӣ; давраи геологии муосир; қисми ҳанӯз ба охир нарасидаи давраи *антропогении* таърихи геологӣ.

**ГОЛУБСИ́ (ГОЛУБЦЫ́)**, [< рус.]. Гӯшти қимае, ки бо биринҷ омехта, ба қаламфури булғорӣ андохта, ё ба барги карам печонда мепазанд.

**ГО́ЛДЕН (ГО́ЛЬДЕН),** [< ол. goldem тиллоӣ]. Тиллосеб; навъи себҳои калони ширин, ки пӯсти зарди тиллоранг дорад ва номаш аз ҳамин ҷост.

**ГО́ЛМИЙ (ГО́ЛЬМИЙ).** [лот. Holmium < Holmia Стокголм]. *хим.* Элементи химиявӣ, металли сафеди нуқрагун аз оилаи *лантаноидҳо*; рамзаш Ho; аввалин маротиба дар Стокголм кашф шудааст ва номаш аз ҳамин ҷост.

**ГОЛФ (ГОЛЬФ),** [англ. golf]. *варз.* Бозии варзишӣ, ки дар он бозигарон кӯшиш мекунанд, тӯбчаро бо чавгон зада, ба чуқурча дароранд; шахсе ғолиб дониста мешавад, ки ин амалро бо шумораи камтарини чавгонзанӣ иҷро намояд. || Мқс. крокет.

**ГО́ЛФИ (ГО́ЛЬФЫ),** [англ. golf]. *Ҷулкиҳои* кӯтоҳ (то зону) ё ҷуробҳои дароз (то зону).

**ГОМЕО**..., [< юн. homoios монанд]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки монандӣ, шабоҳат, ҳамгуниро ифода мекунад, мас., *гомеоморфия.*

**ГОМЕОМО́РФИЯ**, [< *гомео*... + morphe шакл]. *биол.* Монандии сахти намояндагони намуд, ҷинс, гурӯҳҳои гуногуни организмҳои зинда; яке аз шаклҳои *конвергенсия.*

**ГОМЕОПА́ТИЯ**, [< *гомео*... + pathos беморӣ]. *тиб.* Усули табобати беморӣ бо вояи камтарини доруҳое, ки вояи зиёди онҳо дар организми одами солим падидаҳои ба аломатҳои ҳамон беморӣ монандро пайдо мекунонад. || Мқс. аллопатия.

**ГОМЕОСТА́З, ГОМЕОСТА́ЗИС**, [< *гомео*... + statis беҳаракатӣ]. *физиол.* Яккелагии нисбатан доимии таркиб ва хусусиятҳои муҳити дохилӣ ва устувории функсияҳои асосии физиологии организми одам, ҳайвонот ва растаниҳо.

**ГОМЕОСТА́Т**, [< *гомео*... + statos беҳаракат]. *физиол.* Амсилаи *кибернетикии* организми зинда, ки қобилияти онро дар нигоҳ доштани баъзе параметрҳо (мас., ҳарорати бадан), инчунин қобилияти мутобиқшавии организмро ба шароити муҳити зист таъмин мекунад.

**ГОМИЛЕ́ТИКА**, [< юн. homileo бо одамон гап мезанам]. Фасли илоҳиёт, ки дар он масъалаҳои назариявӣ ва амалии ваъз баррасӣ карда мешаванд.

**ГОМИНИ́ДҲО**, [< лот. homo одам + юн. eidos намуд]. *зоол*. Гурӯҳи ширхӯрони олӣ (приматҳо), ки одами муосир (Homo sapiens), питекантроп, неандартал, синантроп ва австралопитекро дар бар мегирад.

**ГОМИНДА́Н**, [< хит.]. Ҳизби сиёсӣ дар Хитой, ки онро с. 1912 Сун Ят-сен ташкил карда буд; солҳои 1924-27 якҷоя бо ҳизби коммунистии Хитой мубориза и зиддиимпериалистӣ ва миллӣ-озодихоҳӣ мебурд; вале гурӯҳи рости оппортунистии Г. бо сардории Чан Кай-ши, ки ба армия сардорӣ мекард, бо ёрии давлатҳои империалистӣ табаддулоти зиддиинқилобӣ карда, ҳокимиятро ба даст гирифт.

**ГОММО́З**, [< фр. gomme шилм]. *бот*. Беморип растанӣ – аз танаи растанӣ ҷорӣ шудани шилм; шилм дар бофтаҳои растанӣ дар натиҷаи об шудани девораҳои ҳуҷайра пайдо мешавад; сабабҳои беморӣ: номусоидии муҳит ва иқлим (гармою сармои сахт), зарари ҳашароту микроорганизмҳо ва ғ; Г. бештар ба дарахтони меваҳои донакдор ва ниҳолҳои пахта зарар меорад.

**ГОМО**…, [< юн. homos баробар, якхела, монанд]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки баробарӣ, якхелагӣ, якҷинсагӣ, ягонагӣ, монандиро ифода мекунад, мас., *гомогенӣ, гомология, гомогамия*.

**ГОМОГЕНИЗА́ТОР**, [< юн. homogenis якҷинса]. *тех*. Дастгоҳи дорои асбоби омехтакунӣ ва насос барои ҳосил намудани *эмулсияҳои* якҷинса; дар саноати химия, хӯрокворӣ ва ғ. истифода мешавад.

**ГОМОГЕНӢ́**, [< юн. homogenis якҷинса]. Якҷинса; дорои таркиб ва хусусиятҳои ягона; баръакси *гетерогенӣ*.

**ГОМОЛО́ГИЯ**, [< юн. homologia мутаносибӣ]. *биол*. Монандии узвҳои сохташон якхела, ки аз ҷанинҳои ба ҳам монанд инкишоф ёфтаанд, аммо вазифаҳои гуногунро иҷро мекунанд.

**ГОМОПА́УЗА**, [< *гомо*… + лот. pausa қатъшавӣ]. Қабати байни *гомосфера* ва *гетеросфера* дар баландии такр. 100 км.

**ГОМОПЛА́СТИКА**, [< *гомо*… + *пластика*]. *тиб*. Аз бадани як кас бурида, ба бадани каси дигар шинондани бофта ё узв (мас., пӯст); *гомотрансплантатсия* низ гӯянд.

**ГОМО́РРА**, [< яҳ. қад.]. **1**. Мувофиқи ривояти Таврот, шаҳрҳои Оду Самуд, ки аз сабаби бадкориву бадахлоқии сокинонашон Худо ба болои ин шаҳрҳо борони сангу оташ рехтааст; ин шаҳрҳо дар ҳақиқат дар соҳили ҷанубии Баҳри Мурда вуҷуд доштаанд ва шояд фавворазании конҳои нафту газ ва кибрит, ки дар ин минтақа бисёранд, боиси оташ гирифтани онҳо шуда бошад. **2**. *маҷ*. Фисқу фасод.

**ГОМО СА́ПИЕНС**, [< лот. Homo sapiens]. Ҳомо сапиенс; одами бохирад; одами соҳибақл.

**ГОМОСЕКСУА́Л**, [< *гомо*… + лот. sexualis ҷинсӣ]. Ҳамҷинсбоз; шахсе, ки ба ҳамҷинсони худ майли шаҳвонӣ дорад; *гей* низ гӯянд.

**ГОМОСЕКСУАЛИ́ЗМ**, [< *гомо…* + лот. sexualis ҷинсӣ]. Ҳамҷинсбозӣ; майли шаҳвонӣ ба ҳамҷинси худ.

**ГОМОСТИЛИ́Я**, [< *гомо…* + лот. stylos сутунча]. *бот.* Якхела (баробар) будани дарозии сутунчаҳо ва торҳои гардбарга дар гулҳои ҳамаи растаниҳое, ки ба як намуд мансубанд. ‖ Мқс. гетеростилия.

**ГОМОТЕ́ТИЯ**, [< *гомо…* + юн. thetos ҷойгиршуда]. *геом.* Ҷойгиршавии фигураҳои ба якдигар монанд дар ҳамворӣ ё фазо, ки ҳангоми он нуқтаҳои рости пайвасткунандаи бо якдигар мувофиқи фигураҳо дар худи ҳамон як нуқта – маркази Г. ҳамдигарро бурида мегузаранд.

**ГОМОТИ́ПИЯ**, [< *гомо…* + юн. typos намуна, шакл]. *биол.* Монандии узвҳои мутаносиб, мас., гӯшҳои рост ва чап.

**ГОМОТРАНСПЛАНТА́ЦИЯ (ГОМОТРАНСПЛАНТА́ТСИЯ)**, [< *гомо…* + *трансплантатсия*]. *тиб.* Ниг. *гомопластика.*

**ГОМОФО́БИЯ,** [< *гомо…* + *…фобия*]. Эҳсосоти манфии беасос ва аз ақл берун (дар баъзе мавридҳо адоват) нисбати одамони дорои тамоюли гомосексуалӣ, ки бо муносибати манфӣ, тарс, кароҳат ва нафрати ошкоро, зӯроварӣ ва ғ. зоҳир мегардад.

**ГОМОФО́НИЯ**, [< *гомо…* + phone овоз]. *мус.* Навъи мусиқии бисёровоза, ки дар он як овоз асосӣ буда, овозҳои дигар ба он ҷӯр карда мешаванд.

**ГОМОСЕНТРӢ (ГОМОЦЕНТРӢ)**, [< *гомо…* + *центр*]. *опт.* Дастаи рӯшноӣ, ки ҳамаи нурҳояш аз як нуқта мегузаранд.

**ГОМУ́НКУЛ, ГОМУ́НКУЛУС**, [лот. homunculus одамча]. **1**. Мувофиқи тасаввуроти кимиёгарони асримиёнагӣ, махлуқи одамшакле, ки онро ба таври сунъӣ (дар *пробирка*) офаридан мумкин аст. **2**. Ба ақидаи биологҳои асрҳои XVII-XVIII, одамчае, ки дар ҳуҷайраи нутфа (*сперматозоид*) вуҷуд дорад ва дар сурати афтидан ба бачадон калон шуда, шакли кӯдакро мегирад.

**ГОНАДОПА́ТИЯ**, [лот. gonadopathia]. *тиб.* Бемории ғадудҳои ҷинсӣ.

**ГОНАДОТЕРАПИ́Я**, [лот. gonadotherapia]. *тиб.* Муолиҷаи гормонҳои таносулӣ.

**ГОНАДОТРОПӢ**, [< юн. gone тухм, нутфа + trope гардиш, тағйирёбӣ]. *биол.* Гормонҳои Г. – гормонҳои қисми пеши *гипофиз*, ки фаъолияти ғадудҳои ҷинсиро (*гонадаҳоро*) танзим менамоянд.

**ГОНА́ДАҲО**, [< юн. gone тухм, нутфа]. *биол.* Ғадудҳои ҷинсӣ, ки дар онҳо ҳуҷайраҳои ҷинсӣ (тухм ва *сперматозоидҳо*), инчунин гормонҳои ҷинсӣ ташаккул мeёбанд.

**ГОНАКРАТИ́Я**, [лот. gonacratia]. *тиб.* Заъфи қувваи боҳ; сусткамарӣ.

**ГОНАЛГИ́Я**, [лот. gonalgia]. *тиб.* Зонудард.

**ГОНАРТРИ́Т**, [лот. gonarthritis]. *тиб.* Варами банди зону.

**ГОНАРТРО́З**, [лот. gonarthrosis]. *тиб*. Бемории музмини банди зону.

**ГОНГ**, [англ. gong < мал.]. *мус*. Асбоби мусиқии лаълишакли мисин, ки аз зарбаи болғача садо мебарорад; дар оркестрҳо, инчунин дар мусобиқаҳои варзишӣ (мас., бокс) барои сигнал додан истифода мебаранд.

**ГОНДВА́НА**, [санск.]. Континенти ниҳоят калон, ки дар давраҳои *полеозой* ва *мезозой* дар Нимкураи Ҷанубӣ доман паҳн карда буд; баъдтар пора гардида, ба қитъаҳои Амрикои Ҷанубӣ, Африқо, Австралия ва Антарктида табдил ёфт.

**ГОНДО́ЛА**, [ит. gondola]. **1**. Завраќи дарози якбелаи венетсиягӣ. **2**. Сабати *дирижабл* ё *аэростат*. **3**. Вагони болокушодаи боркаш, ки барои холӣ кардани бор дар тагаш дарича̣ҳо дорад.

**ГОНИ́ДИЯ**, [< юн. gone тухм]. *бот*. Узви афзоиши обсабзҳои сабз ё кабуди сабз, ки шакли ҳуҷайраи беҳаракатро дорад.

**ГОНИОМЕТР**, [< юн. gonia кунҷ + *...метр*]. **1**. *геод*. Зовиясанҷ; асбоб барои чен кардани кунҷҳои байни паҳлӯҳои ҳамвори ҷисмҳои сахт дар геодезия, кристаллография ва ғ. **2**. Асбоби антропологӣ барои чен кардани кунҷҳои косахонаи сар. **3**. Асбоб барои чен кардани самти антенна дар *радиопеленгаторҳо*.

**ГОНИОМЕ□ТРИЯ**, [< юн. gonia кунҷ + *...метрия*]. *геом*. Қисми *тригонометрия*, ки усулҳои чен кардани кунҷҳоро меомӯзад.

**ГОНИ́Т**, [< юн. gony зону]. *тиб*. Варами буғуми зону.

...**ГОНИЯ**, [< юн. gone пайдоиши насл, тавлид]. Қисми охири калимаҳои мураккаб, ки тавлид, пайдоишро ифода мекунад, мас., *гетерогония, комогония*.

**ГОНОКО́ККҲО**, [< юн. gonos тухм, нутфа + kokkos донача]. *мкб., тиб*. Бактерияҳои ҷуфти лӯбиёшакле, ки боиси бемориҳои зардобноки луобпардаи узвҳои таносул (сӯзок) ва чашм (бленнорея) мегарданд.

**ГО́НОР**, [лот. Honor шараф, номус]. **1**. Дар асотири римиёни қадим – тимсоли иззат, икром, эъзоз. **2**. Ғурур, такаббур, ҳавобаландӣ. **3**. Номус, шаън, қадру қимат.

**ГОНОРА́Р**, [лот. honorarium подоши хизмат]. Ҳаққи қалам; музде, ки ба муаллифи асари адабӣ ё илмӣ дода мешавад.

**ГОНОРЕ́Я**, [< юн. gonos тухм, нутфа + rheo ҷорӣ мешавам]. *тиб*. Сӯзок; шоридани нутфа; бемории узвҳои таносул, ки бактерияҳои *гонококк* ба вуҷуд меоранд; аксар вақт дар натиҷаи алоқаи ҷинсии тасодуфӣ пайдо мешавад.

**ГОНО́РИС КА́УЗА**, [лот. honoris causa барои эҳтиром]. Ифтихорӣ; ифодае, ки ба номи унвони илмӣ ҳамроҳ карда мешавад, агар унвон бе ҳимояи рисолаи илмӣ дода шуда бошад, мас., доктори илми Г. к.

**ГОНТ**, [пол. gont]. Тахтачаҳои тунук ва борики фонашакл барои пӯшидани бом.

**ГОПА́К**, [< укр.]. *санъ*. Рақси халқии украинӣ ва мусиқии он.

**ГОПКАЛИ́Т**, [англ. gopcalite]. *хим.* Омехтаи маргенетс, мис ва нуқра, ки барои сӯзондани оксиди карбон ва ба гази ангидриди карбон табдил додани он истифода мешавад.

**ГОПЛИ́Т**, [юн. hoplites]. *таър.* Сарбози пиёда дар Юнони Қадим (асрҳои V-IV то милод), ки бо яроқҳои вазнин (найза, шамшер, сипар, ҷавшан, кулаҳхуд) мусаллаҳ буд.

**ГОР**, [миср. қад. Баландӣ, Осмон]. Дар асотири мисриёни қадим – худои шикор, баъдтар худои офтоб ва ҳомии ҳокимияти фиръавн.

**ГОРА́Л**, [< ҳинд.]. *зоол.* Ҳайвони ҷуфтсум аз оилаи ковокшоххо; дарозиаш то 1,2 м; дар минтақаҳои кӯҳии Осиёи ҷанубӣ-шарқӣ (аз Ҳимолой то нимҷазираи Корея) зиндагӣ мекунад.

**ГОРГО́НА**, [юн. Gorgon]. Дар асотири юнониёни қадим – махлуқи даҳшатноки занмонанд (гӯшҳояш – гӯшҳои ҳайвони даранда, биниаш калони пачақ, дандонҳояш гиз, дар сараш ба ҷои мӯй морҳо овезонанд); аз нигоҳи ӯ одамон гӯё ба санг табдил меёфтаанд.

**ГО́РДЕН (ГО́РДЕНЬ)**, [гол. hording]. Дар киштӣ – арғамчин барои бардоштани бодбон ё борҳои гуногун.

**ГО́РДИЙ**, [юн. қад.]. Г и р е ҳ и  Г . – **1**. Мувофиқи ривоятҳои афсонавӣ – гиреҳи хеле чигиле, ки шоҳи Фригия Гордий бо он юғро ба шотуи аробаи дучарха маҳкам баста буд; гӯё касе, ки ин гиреҳро кушояд, ҳокими Осиё мешуд; Искандари Мақдунӣ гиреҳро накушода, бо шамшер бурида партофтааст; ибораи «гиреҳи гордийро бурида партофтан» аз ҳамин ҷост ва маънои ҷасурона ҳал кардани масъалаи чигилу мураккабро ифода мекунад. **2**. *маҷ.* Масъала ё вазъияти мураккаб ва чигилу сарбаста.

**ГОРЕЛЙЕ́Ф (ГОРЕЛЬЕ́Ф)**, [фр. haut-relief релйефи баланд]. Тасвири муқарнас; нақши барҷастае, ки ба қадри нисфи ҳаҷми худаш аз рӯи сатҳ баромада меистад.

**ГО́РЖА**, [< фр. gorge гардан]. Қисми ақиби истеҳком.

**ГОРЖЕ́ТКА, ГОРЖЕ́Т**, [< фр. gorge гардан]. Гарданпечи мӯина; пӯсти рӯбоҳ, самур, хаз, вашақ ва ғ., ки занҳо ба сифати гарданбанд (*шарф*) ё гиребони палто истифода мебаранд. || Мқс. боа.

**ГОРИЗОНТА́Л (ГОРИЗОНТА́ЛЬ)**, [< юн. horizon]. **1**. *геом.* Хати росте, ки бо сатҳи уфуқ мутавозӣ аст; баръакси хати амудӣ. **2**. *геог.* Дар харитаи географӣ хате, ки нуқтаҳои баландии мутлақашон якхеларо пайваст менамояд; бо маҷмуи горизанталҳо *релйефи* маҳалро тасвир кардан мумин аст.

**ГОРИ́ЛКА**, [укр.]. Номи украинии арақ.

**ГОРИ́ЛЛА**, [англ. gorilla < афр.]. Калонтарин маймуни одамшакл, ки дар ҷангалҳои кӯҳии Африқои ғарбӣ зиндагӣ мекунад; қадаш то 2 м, вазнаш то 250 кг; сохти мағзи сараш ба мағзи сари одам наздик аст.

**ГОРМО́Н**, [< юн. hormao меангезам, ба ҳаракат меорам]. *биол.* Моддаи химиявии аз ҷиҳати физиологӣ ниҳоят фаъол, ки ғадудҳои тарашшӯҳи дохилӣ (ғадудҳои эндокринӣ) ва ҳуҷайраҳои ҷудогона ҳосил намуда, ба хун мефиристанд; Г. мубодилаи моддаҳо, фаъолияти ҳуҷайраҳо ва кори организмро танзим менамояд.

**ГОРМОНО́ИДҲО**, [< *гормон* + eidos намуд]. *биол.* Моддаҳои фаъоли биологӣ (гистамин, секретин ва ғ.), ки ба монанди гормон ба кори организм таъсир мерасонанд, аммо на дар ғадудҳои тарашшӯҳи дохилӣ, балки дар узву бофтаҳои дигар ҳосил мешаванд; *парагормонҳо* низ гӯянд.

**ГОРМО́НОТЕРАПИ́Я**, [< *гормон* + *терапия*]. *тиб.* Гормондармонӣ; табобат бо гормонҳо ва доруҳои гормондор.

**ГОРН**, [ол.Horn шох]. *мус.* Асбоби мусиқии нафасии мисин, ки шаклаш ба карнайи ҳалқавор қатшуда монанд аст.

**ГОРОДКИ́**, [< рус.]. Як навъ бозии варзишӣ – зада баровардани чилликҳо аз ҳудуди хати кашидашуда бо роҳи ҳаво додани калтак.

**ГОРОСКО́П**, [< юн. horoskopos мушоҳидакунандаи вақт]. **1**. Ҷадвали ҷойгиршавии сайёраҳо ва ситораҳо дар ягон вақти муайян (мас., дар лаҳзаи таваллуд шудани касе); мунаҷҷимон аз рӯи он қисматро пешгӯӣ мекарданд. **2**. Фолнома.

**ГОРОТЕЛИ́Я**, [< юн. gora вақти муқаррарӣ + telos амалисозӣ]. *биол.* Суръати муқаррарии миёнаи таҳаввул (*эволютсия*), ки ба баъзе организмҳо, мас., ба *моллюскҳои* шикампо хос мебошад. || Мқс. брадителия.

**ГОРТЕ́НЗИЯ**, [< лот. hortensis боғӣ]. *бот.* Растании ороишии хонагӣ, ки гулҳои калони сафед, гулобӣ ё осмонӣ дорад.

**ГОСПИТАЛИЗА́ТСИЯ (ГОСПИТАЛИЗА́ЦИЯ)**, [< *госпитал*]. *тиб.* Дар беморхона хобондани бемор.

**ГОСПИТАЛИ́ЗМ**, [< *госпитал*]. *тиб.* Ихтилоли рӯҳӣ, ки бо сабаби муддати дароз хобидан дар беморхона рӯй медиҳад.

**ГО́СПИТАЛ (ГО́СПИТАЛЬ)**, [< лот. hospitalis меҳмоннавоз]. *тиб.* Беморхона; дар баъзе мамлакатҳо, мас., дар Россия, Тоҷикистон ва ғ. – беморхона барои хизматчиёни ҳарбӣ.

**ГО́СТИЯ**, [< лот. gostia қурбонӣ]. Чалпакчаи бенамак, ки *католикҳо* ва *лютеранҳо* дар маросими калисоӣ ба ҷои нон истифода мебаранд.

**ГО́ТИКА**, [< фр. gothique гот]. *меъм.* Услуби меъмории асримиёнагии Аврупои ғарбӣ, ки ба он иморатҳои равоқӣ, гунбазҳои нӯгтез, муҷассама ва нақшу нигори фаровони гаҷию сангӣ хос аст.

**ГОТИКӢ**, [< *готика*]. Мансуб ба *готика*; р о к и  Г. – яке аз навъҳои рок-мусиқии вазнин; р о м а н и  Г. – романе, ки дар он саргузашту моҷароҳои даҳшатнок,

фантастикӣ ва пур аз сеҳру ҷоду тасвир шудаанд; ҳ у р у ф и  Г. – як навъ ҳуруфи дарозрӯя ва моили матбаагӣ.

**ГО́ТИК-РОК**, [< *готика*]. Ниг. *готика*.

**ГО́ТРА**, [< ҳинд. қад.]. Дар Ҳиндустони қадим – қавме, ки дар он издивоҷ мамнуъ буд.

**ГОТҲО**, [лот. Gothi]. Қабилаҳои олмонӣ, ки асли баромадашон аз ҷазираи Готланд (баҳри Балтик) буд; дар асри III ба заминҳои назди Баҳри Сиёҳ муҳоҷират намуда, дар ҳамон ҷо маскун шуданд; ба забони готӣ, ки ба гурӯҳи забонҳои олмонӣ (оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ) дохил мешавад, гап мезаданд.

**ГОФ**..., [< ол. Hof ҳавлӣ]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки ба номи мансабҳои дарборӣ илова карда мешавад, мас., *гофмаршал*.

**ГОФМА́КЛЕР**, [< ол. Hofmakler]. Даллоли (*маклери*) калони биржавӣ дар биржаҳои империяи Россия ва баъзе мамлакатҳои диг.

**ГОФМА́РШАЛ**, [< ол. Hofmarschall]. Дар Олмон, Россияи подшоҳӣ ва баъзе мамлакатҳои диг. – мансабдори дарбор, мутасаддии қабулу зиёфатҳо ва таъминоти аҳли дарбор.

**ГОФМЕ́ЙСТЕР**, [< ол. Hofmeister]. Дар Олмон, Россияи подшоҳӣ ва баъзе мамлакатҳои диг. – мансабдори дарбор, мутасаддии дабирхона (*канселярия*), хазина ва ғ.

**ГОФР**, [фр. gaufre]. Варақҳои тунуки металлӣ ё асбосементии мавҷшакл, ки барои пӯшондани бом ё рӯйкаш кардани деворҳо истифода мешавад. || Мқс. шифер.

**ГРА́ВЕ**, [ит. grave ҷиддӣ, вазнин]. *мус*. Суръати сусти мусиқӣ. || Мқс. адажио.

**ГРАВЁ́Р**, [фр. graveur]. **1**. Кандакор, ҳаккок. **2**. *зоол*. Гамбуски зиёновар аз оилаи пӯстлоххӯракҳо; дар Аврупо ва Сибир паҳн шудааст.

**ГРА́ВИЙ**, [фр. graveur]. Шағал, сангреза.

**ГРАВИМЕ́ТР**, [лот. gravis вазнин + ...*метр*]. *геоф*., *тех*. Ҷозибасанҷ; асбоб барои андозагирии нисбии суръати афтиши озоди ҷисм.

**ГРАВИМЕ́ТРИЯ**, [лот. gravis вазнин + ...*метр*]. Илме, ки майдони ҷозибаи (қувваи вазни) Замин ва сайёраҳои дигарро бо мақсади муайян кардани сохти онҳо таҳқиқ менамояд.

**ГРАВИМЕТРӢ**, [лот. gravis вазнин + ...*метр*]. Мансуб ба гравиметрия; м а й д о н и  Г. – майдони ҷозибаи ҷисми гуногунмасса; дар майдони Г.-и Замин инсоният зиндагӣ мекунад ва Моҳ ҷойгир шудааст; а к к о с и и  Г. – андозагирии бузургиҳое, ки майдони ҷозибаи ин ё он минтақаро тавсиф менамоянд; барои омӯзиши сохти Замин ва ҳалли вазифаҳои геологӣ истифода мешавад.

**ГРАВИТАТСИОНӢ (ГРАВИТАЦИОНӢ)**, [< *гравитатсия*]. Мансуб ба *гравитатсия*; б о р к а ш о н и и  Г. – усули боркашонӣ бо таъсири вазни худи бор тавассути

новаҳои махсуси нишеб; Г.-и доимӣ – коэффитсиенти таносуб дар қонуни ҷозибаи ҷаҳонии Нютон; майдони Г. – майдони ҷозиба.

**ГРАВИТА́ТСИЯ (ГРАВИТА́ЦИЯ)**, [лот. gravitas вазнинӣ]. **1**. *физ*. Ҷозибаи ҷаҳонӣ; хусусияти якдигарро ба тарафи худ кашидани ҷисмҳо. **2**. *геол*. Усули тоза ва сара кардани минералҳои фоиданок, ки ба тафовути суръати ҳаракати зарраҳои минералҳои гуногун асос меёбад; барои истихроҷи ангишт, минералҳои ғайриметаллӣ, тиллои пароканда истифода мебаранд.

**ГРАВИТО́Н**, [< *гравитатсия*]. *физ*. Зарраи (*кванти*) фарзиявии майдони сусти ҷозибаи ҷаҳонӣ (*гравитатсия*), ки бо суръати рӯшноӣ ҳаракат мекунад.

**ГРАВЮ́РА**, [фр. gravure]. Нақше, ки дар сатҳи ҳамвори ягон масолеҳи сахт (металл, ҷӯб ва ғ.) кандакорӣ шудааст, инчунин тамғаи ҳамин нақш дар рӯи коғаз.

**ГРАД**, [< лот. gradus дараҷа]. Воҳиди ченаки ғайрисистемавии кунҷи ҳамвор, ки ба 0,01 кунҷи рост баробар аст (бо g ифода карда мешавад).

**ГРАДА́ТСИЯ (ГРАДА́ЦИЯ)**, [лот. gradation тадриҷан баланд (пурқувват) шудан < gradus дараҷа]. Гузариши тадриҷӣ аз як ҳолат (аломат, сифат, хусусият) ба ҳолати (аломат, сифат, хусусияти) дигар; пай дар пай аз дараҷаи паст ба дараҷаи баланд гузаштан ва баръакс.

**ГРАДИЕ́НТ**, [< лот. gradiens қадамзананда, раванда]. **1**. *мат*. *Векторе*, ки самти афзоиши зудтари ягон *функсияро* нишон медиҳад. **2**. *физ*. Андозаи дар фазо зиёд ё кам шудани ягон бузургии физикӣ ба як ҳиссаи воҳиди дарозӣ.

**ГРАДИ́РНЯ**, [ол. gradieren ғализ кардан]. **1**. Пештар иншооте буд, ки дар он оби шӯрро ҷушонда, намакашро мегирифтанд. **2**. Иншоот барои хунук кардани об бо ҳавои атмосферӣ.

**ГРАДУИРО́ВКА**, [< лот. gradus дараҷа]. Дараҷабандӣ; ба дараҷаҳо тақсим кардан; хатҳои дараҷагӣ дар рӯи асбоби ченкунанда (мас., ҳароратсанҷ).

**ГРА́ДУС**, [< лот. gradus дараҷа]. Дараҷа; воҳиди ченаки кунҷ, ҳарорат, миқдори спирт дар машрубот ва ғ.

**ГРА́ДУСНИК**, [рус. < лот. gradus дараҷа]. Ҳароратсанҷ; асбоб барои санҷидани дараҷаи гармӣ ва хунукӣ.

**ГРАЖДАНИ́Н**, [рус.]. **1**. Шаҳрванд; шахсе, ки табааи ягон давлат буда, қонунҳои онро риоя менамояд ва аз ҳуқуқҳои бо қонунгузории ин давлат муқарраршуда истифода мебарад. **2**. Тарзи муроҷиат ба марди калонсол ва ношинос.

**ГРАЖДАНӢ**, [рус.]. Мансуб ба *гражданин* (шаҳрванд), мас., кодекси гражданӣ, мудофиаи гражданӣ.

**ГРАММ**, [фр. gramme < юн. gramma андозаи хурди вазн]. Воҳиди вазн дар системаи воҳидҳо, ки ба 0,001 килограмм баробар аст; бо г ё гр ифода мешавад. || Мқс. миллиграмм.

…**ГРАММА**, [< юн. gramma хат, навиштаҷот]. Қисми охири калимаҳои мураккаб, ки матн ё овози навишташударо ифода мекунад, мас., телеграмма, фонограмма.

**ГРАММА́ТИКА**, [< юн. grammatike]. *збш.* **1**. Сохти забон, қоидаю усулҳои калимасозӣ ва ҷумласозӣ. **2**. Фасли забоншиносӣ, ки сохти калимаҳо ва ҷумлаҳо, қоидаҳои калимасозӣ ва ҷумласозиро меомӯзад; ба морфология ва синтаксис (сарфу наҳв) тақсим мешавад. || Мқс. лексика, фонетика.

**ГРАММАТОЛО́ГИЯ**, [< юн. gramma хат, навиштаҷот + …*логия*]. Хатшиносӣ.

**ГРАММ-А́ТОМ**, [< *грамм* + *атом*]. Миқдори модда ба ҳисоби грамм, ки аз ҷиҳати шумора ба вазни атомии он баробар аст.

**ГРАММ-МОЛЕ́КУЛА**, [< *грамм* + *молекула*]. Миқдори граммҳои ин ё он модда, ки ба вазни молекулавии он баробар аст.

**ГРАММОФО́Н**, [< юн. gramma хат, навиштаҷот + phone овоз]. Дастгоҳи механикӣ барои шунавондани мусиқӣ, нутқ ва ғ. аз рӯи қарта (*пластинка*); аз тобдиҳандаи қарта ва ҷиҳози садодиҳанда иборат аст. || Мқс. патефон, электрофон.

**ГРА́МОТА**, [< юн. gramma хат, навиштаҷот]. **1**. *таър*. Дар Россияи подшоҳӣ – ҳуҷҷати расмӣ дар бораи инъоми мансаб, мукофот, молу мулк (дар Бухорои амирӣ ярлиғ меномиданд). **2**. Навъи мукофот, ки ба шаҳрвандон, ташкилоту корхонаҳо барои хизматҳои шоистаашон дода мешавад. **3**. Ваколатномаи дипломатӣ.

**ГРАМПЛАСТИ́НКА**, [< *граммофон* + *пластинка*]. Қартаи (*пластинкаи*) *граммофон* (*патефон*), ки дар он суруд, мусиқӣ ё нутқ навишта шудааст.

**ГРАН**, [лот. granum донаи ғалла]. **1**. Воҳиди вазн дар дорусозӣ, ки ба 62,209 мг баробар аст. **2**. Воҳиди англисии вазн дар дорусозӣ ва савдо барои баркашидани моддаҳои химиявӣ ва сангу металлҳои қиматбаҳо; ба 64,8 мг баробар аст. **3**. маҷ. Миқдори ниҳоят кам.

**ГРАНА́Т**, [< лот. granatus дона-дона]. *маъд*. Беҷода; *силикати* мураккаби магний, оҳан, марганетс, калсий, алюминий ва ғ.; рангаш сурхи баланд аст, аз ин рӯ ақиқи сурх низ меноманд. || Мқс. хризолит.

**ГРАНА́ТА**, [ит. granata < лот. granatus дона-дона]. **1**. *ҳарб*. Гулӯлаи тӯп барои нест кардани қувваи зинда ва техникаи ҳарбии душман дар масофаи то 1 км; Г.-и дастӣ – норинҷак. **2**. *варз*. Гулӯлаи натаркандаи дастӣ, ки дар мусобиқаҳои варзишӣ истифода мешавад.

**ГРАНД**[1], [исп. grande < лот. grandis калон, муътабар]. *таър*. Яке аз рутбаҳои олии дворянӣ дар Испанияи асримиёнагӣ, инчунин шахсе, ки чунин рутба дорад. || Мқс. барон, виконт, герсог, граф, лорд, маркиз.

**ГРАНД**[2], [англ. grand олӣ, олиҷаноб]. *варз*. Дастаи беҳтарин дар байни ҳамаи дастаҳо.

**ГРАНД-...**, [< фр. grandis]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки маънои калон, бузург, муҳташамро ифода мекунад, мас., гранд-лоиҳа (лоиҳаи калон), гранд-маркет (фурӯшгоҳи бузург).

**ГРАНЖ**, [англ. grunge]. Тарзи либоспӯшии лоуболонаи ҷавонон ки дар солҳои 80 – 90-уми асри 20 мӯд шуда буд (ҳоло ҳам аз мӯд набаромадааст) – пӯшидани либосҳои андозаашон ба бадан номувофиқ (калон ё хурд), кӯҳна, дарида, баъзан чиркин.

**ГРАНИ́Т**, [ит. granito < лот. granatus дона-дона]. **1**. *маъд*. Хоро, хоросанг, санги хоро; ҷинси кӯҳии хеле сахт, ки аз квартс, шпати саҳрой ва абраққо таркиб ёфтааст; дар сохтмон васеъ истифода мебаранд. **2**. *маҷ*. Ҳар чизи хеле сахт, мустаҳкам.

**ГРАН ПА́**, [< фр. grand pas қадами калон]. *санъ*. Гурӯҳи ҳаракатҳои рақсӣ дар балет, ки мазмуни умумӣ доранд.

**ГРАН ПРИ́**, [< фр. grand prix ҷоизаи асосӣ]. Мукофоти олӣ дар фестивалҳо, озмунҳо ва ғ.

**ГРАНТ**, [англ. grant инъом, ҳадя]. Маблағи ройгоне, ки ба корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ё шахсони алоҳида барои пажӯҳишҳои илмӣ, иҷрои корҳои таҷрибавию конструкторӣ, гузарондани семинарҳо ва *тренингҳо*, таҳсил дар ин ё он муассисаи таълимӣ, сафарҳои хидматӣ ва омӯзишӣ, иштирок дар конференияҳои илмӣ ва мақсадҳои диг. дода мешавад.

**ГРА́НУЛА**, [< лот. granulum дона]. **1**. Ҳар чизи дона-дона; ғурӯша, ғелак. **2**. *астр*. Анбӯҳи моддаҳои дона-донае, ки ба воситаи телескоп дар сатҳи Офтоб мушоҳида кардан мумкин аст; дар акси фотографӣ ба донаҳои биринҷи ҷӯшондашуда шабоҳат доранд.

**ГРАНУЛЁМА**, [< лот. granulum дона + *...ома*]. *тиб*. Варами дӯнгишакли бофта, ки ҳангоми баъзе бемориҳои сироятӣ, мас., махав, оташак (*сифилис*), сил ва ғ. пайдо мешавад.

**ГРАНУЛИ́ТҲО**, [< лот. granulum дона + *...лит*]. Одитарин моддаҳои тарканда, ки ғурӯшаҳои (*гранулаҳои*) *селитраи аммиаки* онҳо ба сӯзишвории моеъ тар карда шудаанд; ҳангоми кандани минерал дар конҳои рӯизаминӣ ва зеризаминӣ (ғайр аз конҳои ангишт) кор фармуда мешаванд.

**ГРАНУЛОМЕ́ТРИЯ**, [< лот. granulum дона + *...метрия*]. *маъд*. Маҷмуи усулҳои муайянсозии таркиби ғурӯшаҳои ҷинсҳои кӯҳӣ (гил, хок, рег, хоки регдор ва ғ.).

**ГРАНУЛОТО́Л**, [< лот. granulum дона + *тринитротолуол*]. Тротили ғурӯша; тротили ғелак кардашуда.

**ГРАНУЛЯ́ТСИЯ (ГРАНУЛЯ́ЦИЯ)**, [< *гранула*]. **1**. Раванди ба ғурӯша табдил додани ягон чиз; ғелаккунонӣ. **2**. *тиб*. Болои ҷароҳатро тадриҷан пӯшондани бофтаҳои нав. **3**. Ниг. *гранула* (маънои 2).

**ГРА́ТИС**, [лот. gratis]. *кӯҳна*. Бемузд; ройгон.

**ГРАТИФИКА́ТСИЯ (ГРАТИФИКА́ЦИЯ)**, [лот. gratificatio]. Мукофотонидан; бо мукофот сарфароз гардондан.

**ГРАТТА́Ж**, [фр. grattage < gratter харошидан]. Бо *перо*, сӯзан ё бигиз харошида, расм кашидан дар рӯи коғаз ё картони бо сиёҳӣ (*туш*) рӯйкашшуда; расми бо ҳамин усул кашидашуда.

**ГРАФ**[1], [ол. Graf]. Яке аз рутбаҳои олии дворянӣ дар Аврупои асримиёнагӣ, инчунин шахсе, ки чунин рутба дорад. || Мқс. барон, виконт, герсог, лорд, маркиз.

**ГРАФ**[2], [< юн. grapho менависам]. *мат.* Қуллаҳо ва хатҳои рости сершуморе, ки баъзе қуллаҳои ҷуфтро бо якдигар пайваст мекунанд.

…**ГРАФ**, [< юн. grapho менависам]. Қисми охири калимаҳои мураккаб, ки маъноҳои зеринро ифода мекунад: 1) асбоб барои сабт намудани ягон раванд, ҳодиса, мас., *барограф, сесмограф*; 2) мутахассиси соҳае, ки дар қисми аввали калима нишон дода шудааст, мас., *географ, ликсикограф*. || Мқс. …лог.

**ГРАФА́**, [< юн. graphe хат кашидан]. **1**. Банд; қисми матн. **2**. Сутунчаи байни ду хати амудӣ дар ҷадвал. **3**. *маҷ*. Г.-и панҷум («банди панҷум») – мансубият ба миллати яҳуд; ин ибора дар СССР истифода мешуд; графаи (банди) панҷуми шиносномаҳои онвақта «миллат» буд ва он аксар вақт ба мансабгирӣ, ҳимояи рисолаи илмӣ, сафар ба хориҷа ва ғ. монеъ мегардид.

**ГРАФЕ́МА**, [< юн. graphe хат кашидан]. *збш.* Хурдтарин воҳиди нутқи хаттӣ (ҳарф, иероглиф).

**ГРА́ФИК**, [< юн. graphikos]. **1**. Нақша ё *диаграммае*, ки бо ёрии хатҳои каҷ нишондиҳандаҳои микдории рушд, ҳолат ё тағйирёбии равандеро ифода мекунад. **2**. Дар истеҳсолот, нақлиёт ва ғ. – ҷадвал ё нақшае, ки дар он рӯз, соат, дақиқаи иҷрои корҳои гуногун, инчунин меъёри корҳои иҷрошаванда нишон дода шудааст. **3**. Рассоми соҳаи *графика*.

**ГРА́ФИКА**, [< юн. graphikos]. **1**. Санъати тасвири ашё бо ёрии хатҳо (бе ранг), инчунин асари ҳамин гуна санъат. **2**. Санъати хаттотӣ. **3**. *збш.* Як қисми хатшиносӣ, ки таносуби байни ҳарфҳо ва овозҳоро таҳқиқ менамояд. || Мқс. орфография.

**ГРАФИ́Н**, [ит. graffina]. Сурохӣ; зарфи гарданборики шишагин барои гирифтани об, май, шарбат ва ғ.

**ГРАФИ́Т**, [ол. Grafit < юн. grapho менависам]. **1**. Минерали хокистарранг ё сиёҳранг, карбони холиси кристаллӣ; дар тайёр кардани қолабҳои гудозиш, электрод, ранг, қалам ва ғ. истифода мешавад. **2**. Ниг. *грифел.*

…**ГРАФИЯ**, [< юн. grapho менависам]. Қисми охири калимаҳои мураккаб, ки маъноҳои зеринро ифода мекунад: 1) тасвир ё сабти графикии ягон чиз, мас., *литография, картография*. 2) номи илмҳо, мас., *география, этнография* .

**ГРАФӢ**, [< *граф*]. **1**. Дар асрҳои миёна воҳиди тақсимоти ҳудудӣ, ки онро *граф* идора мекард. **2**. Воҳиди маъмурию ҳудудӣ дар Британияи Кабир, Ирландия, ИМА ва баъзе мамлакатҳои диг.

**ГРАФО**..., [< юн. grapho менависам]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки хат, хаттотӣ, нақшакаширо ифода мекунад, мас., *графология*.

**ГРАФОЛО́ГИЯ**, [< *графо*... + ...*логия*]. Илм дар бораи тарзи навишт (ҳусни хат); усули аз рӯи хат ва тарзи хатнависӣ муайян кардани ҳолати рӯҳӣ ва хислатҳои ягон шахс; дар равоншиносӣ (*психология*), ҷиноятшиносӣ (*криминалистика*) ва тиб истифода мешавад.

**ГРАФОМА́НИЯ**, [< юн. grapho менависам + mania шавқ, рағбат, васваса]. Васвасаи бисёрнависӣ; шавқу рағбати зиёд ба навиштани асарҳои бемазмуну бефоида.

**ГРАФОСПА́ЗМ**, [< юн. grapho менависам + spasma ихтилоҷ, ларзиш]. *тиб*. Як навъ бемории асаб; ангуштони шахсе, ки ба ин беморӣ гирифтор аст, ҳар дафъа дар вақти навиштан ба ларза медароянд.

**ГРАФФИ́ТИ**, [ит. graffiti харошидашуда]. **1**. Нақшу катибаҳои қадим, ки дар девори иморатҳо, танаи зарфҳо ва ғ. ҳаккокӣ шудаанд. **2**. Расм ё матне, ки бо ангишт, бӯр ё спрейи (ниг. *спрей*) махсус дар девор кашида (навишта) шудааст.

**ГРАФФИ́ТО**, [ит. graffito]. *меъм*. Усули ороиши деворҳо бо роҳи харошидани қабати болоии андова то қабати поёнии он, ки ранги дигар дорад.

**ГРА́ТСИЯ (ГРА́ЦИЯ)[1]**, [лот. Gratia]. **1.** Дар асотири римиёни қадим – Аглая, Евфросина ва Талия – олиҳаҳои зебоӣ, назокат ва шодиву фараҳ. **2**. Ҳаракати зебои бадан; хушхиромӣ.

**ГРА́ТСИЯ (ГРА́ЦИЯ)[2]**, [ит. grazia бахшидан, гузашт кардан]. *кӯҳна*. Дароз кардани муҳлати пардохти қарз.

**ГРЕГАРИ́НҲО**, [< лот. gregarius одӣ]. *биол*. Организмҳои якҳуҷайрагии одитарине, ки дар рӯда ва ковокии бадани баъзе ҷонварони бемӯҳра (ҳашарот ва ҳалқакирмҳо) муфтхӯрона зиндагӣ мекунанд.

**ГРЕ́ЖА**, [фр. grege < ит. greggio хом]. Абрешими хом, ки ҳар як нахаш аз якчанд нахи аз пилла ресидашуда иборат аст.

**ГРЕЙ, ГРЭЙ**, [англ. Gray – аз номи олими англис Л. Грэй (1905-1965)]. *физ*. Воҳиди вояи афканишоти ҷаббидашудаи радиоактивӣ; бо Гр ифода карда мешавад; 1 Гр = 100 рад.

**ГРЕЙД**, [англ. grade дараҷа]. Дараҷа, рутба, *категорияе*, ки ба корманд мувофиқи дараҷаи арзишмандиаш барои ширкат, инчунин арзишмандии фаъолияти меҳнатиаш дода мешавад.

**ГРЕ́ЙДЕР**, [англ. grader < grade ҳамвор кардан]. *тех*. Мошин барои ҳамвор кардани замин, ки асосан дар роҳсозӣ истифода мешавад.

**ГРЕ́ЙДЕР-ЭЛЕВА́ТОР**, [< *грейдер* + *элеватор*]. *Грейдере*, ки хоки кандаашро якбора ба берун мепартояд ё ба мошин бор мекунад.

**ГРЕ́ЙЗЕН**, [ол. Greisen]. *маъд*. Ҷинси кӯҳие, ки асосан аз квартс ва абракҳои сафедча (*мусковит, лепидолит*) иборат аст; дар таркибаш баъзан *касситерит, волфрамит, флюорит, турмалин* ва ғ. низ дорад.

**ГРЕ́ЙПФРУТ**, [англ. grape-fruit]. Дарахти ҳамешасабз аз ҷинси ситрусҳо; мевааш сабзи зардчатоб, ба афлесун монанд аст; помпелмус низ гӯянд.

**ГРЕ́ЙФЕР**, [< ол. Greifen дошта гирифтан]. *тех*. Қисми мошини борбардор, ки барои дошта гирифтан ва ба ҷои дигар гузоштани ҳар гуна бор (ғӯлачӯб, қубур, оҳанпора ва ғ.) таъйин шудааст.

**ГРЕ́ЛКА**, [< рус. греть гарм кардан]. Зарфи резинӣ ё металлӣ, ки ба он оби гарм андохта, барои гарм кардани ягон узви бадан кор мефармоянд.

**ГРЕ́НА**, [фр. graine]. Тухми кирмак.

**ГРЕНАДЁРҲО**, [фр. grenadier < grenade граната]. **1**. Дар армияҳои Аврупои асрҳои 17-19 сарбозоне, ки шуғли асосиашон партофтани гулӯлаҳои (гранатаҳои) дастӣ буд. **2**. Дар охири асри 18 қисмҳои зубдаи пиёдагард ва савора, ки аз ҷавонмардҳои қоматбаланд, қавиҷусса ва чолок иборат буданд. **3**. *маҷ*. Одамони қоматбаланду қавибозу.

**ГРЕНА́Ж**, [фр. grainage]. Аз шапалакҳои абрешим баровардани тухми кирмак.

**ГРЕСИ́ЗМҲО (ГРЕЦИ́ЗМҲО)**, [< фр. Grece Юнон]. *збш*. Калимаю ибораҳое, ки аз забони юнонӣ ба забонҳои дигар гузаштаанд.

**ГРЕФЙЕ́ (ГРЕФЬЕ́)**, [фр. greffier]. Дабир; дар парламентҳо ва судҳои Фаронса ва Белгия шахси мансабдоре, ки бо таҳияи ҳисоботи расмӣ ва таҳрири ҳуҷҷатҳо машғул аст.

**ГРИГОРИАНӢ**, [< лот. Gregorianus]. Т а қ в и м и  Г . – тақвими имрӯза, ки онро папа Григории III соли 1582 ҷорӣ кардааст.

**ГРИЛ (ГРИЛЬ)**, [< фр. griller бирён кардан]. Тафдони газӣ ё барқӣ барои бирён кардани гӯшт дар рӯи панҷара ё дар сихи тобхӯранда.

**ГРИМ**, [< фр. grimer ранг кардани рӯй]. Санъати тағйир додани намуди зоҳирӣ бо роҳи молидани ранг, часпондани ришу мӯйлаби сунъӣ, пӯшидани мӯи сунъӣ (*парик*) ва ғ.; аз Г. одатан актёрҳо, мусиқинавозон, иштирокчиёни барномаҳои телевизионӣ, разведкачиён, баъзан ҷинояткорон истифода мебаранд.

**ГРИМЁР**, [< *грим*]. Гримкунанда дар театр, телевизион, кино, сирк ва ғ.

**ГРИН**, [< англ. green сабз]. *гуфт*. Доллар. || Мқс. бакс.

**ГРИН-КА́РТА,** [< *грин* + *card* корт]. Ниг. *грин-корт*.

**ГРИН-КО́РТ,** [< *грин* + *card* корт]. Корти сабз (номи расмиаш – United States Permanent Resident Card); шаҳодатномае, ки барои зиндагӣ ва кор кардан дар ИМА ҳуқуқ медиҳад; ба шахсоне дода мешавад, ки шаҳрванди ИМА нестанд.

**ГРИ́НГО**, [исп. gringo]. Номи таҳқиромези шахси хориҷӣ, хусусан амрикоӣ ва англис, дар Амрикои Лотинӣ.

**ГРИНДҲО**, [< англ. grind]. *зоол*. Ҷинси делфинҳо, ки дарозиашон то 6,5 м ва вазнашон то 2 т аст.

**ГРИ́НПИС**, [англ. Greenpeace Дунёи сабз]. Ташкилоти ҷамъиятии байналмилалии мустақил, ки мақсадаш ҳифзи муҳити зист мебошад; соли 1971 ташкил шудааст.

**ГРИПП**, [фр. grippe]. *тиб*. Бемории сироятии вирусӣ, ки барангезандагони он вирусҳои навъи А, В, С мебошанд; бо дарди сар, таби баланд, дилбеҳузурӣ, атса, сулфа, обравӣ аз бинӣ, варами луобпардаи роҳи нафас ва ғ. зоҳир мегардад; зуком.

**ГРИФ[1]**, [ол. Griff даста]. **1**. Дастаи шамшер, ханҷар, корд ва дигар аслиҳаи буранда. **2**. Қисми борику дарози (дастаи) ғижжак, дутор, гитор ва асбобҳои дигари мусиқӣ, ки аз болои он торҳо кашида шудаанд. **3**. Тири *штангаи* варзишӣ. **4**. Дошта фишурдани банди дасти ҳариф дар вақти гӯштин, дзюдо ва ғ.

**ГРИФ[2]**, [фр. griffe]. **1**. Муҳре, ки дар он нақши имзои ягон шахс ё ягон матни дастнавис тасвир ёфтааст. || Мқс. штамп, штемпел. **2**. Навиштаҷоти махсус дар рӯи ҳуҷҷат ё нашрия, ки ба тартиби истифодаи он ишора мекунад, мас., «комилан махфӣ».

**ГРИФ[3]**, [< юн. gryph]. **1**. Дар асотири қадим – шери қанотдори уқобсар. **2**. *зоол*. Каргас; лошахӯр. || Мқс. кондор.

**ГРИ́ФЕЛ (ГРИФЕЛЬ)**, [ол. Griffel]. **1**. Сангқалам; мила аз ҷинси махсуси варақсанг (*сланетс*) барои навиштан дар лавҳасанг (лавҳаи аспидӣ). **2**. Милаи даруни қалам; *графит* низ гӯянд.

**ГРИФО́Н**, [фр. griffon < юн. gryph]. **1**. Дар асотири баъзе халқҳои Шарқи Қадим – ҳайвони афсонавие, ки танаш ба тани шер, болҳояш ба болҳои уқоб ва сараш ба сари уқоб ё шер монанд аст. **2**. Тасвири *гриф[3]* (1) дар санъати меъморӣ, наққошӣ ва ҳайкалтарошӣ. **3**. Фавворазании газ ё об аз зери замин.

**ГРО́ВЕ**, [англ. Grove – аз номи физик ва химики англис У. Грове (1811-1896)]. *хим*. *Элементи галванӣ*, ки дар он электроди руҳии мусбат ба маҳлули кислотаи сулфат ва электроди платинагии манфӣ ба маҳлули консентратсияшудаи кислотаи нитроген ғӯтонда шудааст.

**ГРОГ**, [англ. grog]. Машруботе, ки бо роҳи омехта намудани арақ, ром ё коняк бо оби ҷӯш ва қанд тайёр тайёр карда мешавад. || Мқс. коктейл.

**ГРОСС**, [ол. Groβ]. 144 дона; ченаки ҳисоби ашёи хурди баққолӣ ва дафтардорӣ (канселярӣ), мас., қалам, тугма ва ғ.

**ГРОССБУ́Х**, [ол. Groβbuch]. Дафтари асосии даҳлу харҷ дар муҳосибот (*бухгалтерия*).

**ГРОССМЕ́ЙСТЕР**, [ол. Groβbmeister]. **1**. *Магистри* бузург; сарвари *ордени* динӣ-*ритсарии* католикӣ, ки ӯро папаи Рим тасдиқ мекунад. **2**. Унвони олии варзишӣ дар шоҳмот ё шашка, инчунин шахсе, ки чунин унвон дорад.

**ГРОССУЛЯ́Р**, [< лот. grossuliaria]. Минерале аз гурӯҳи беҷодаҳо, ки рангаш зарди сабзтоб аст.

**ГРОТ**[1], [фр. grotte < ит. grotta]. Ғори начандон чуқури даҳонвасеъ (одатан сунъӣ).

**ГРОТ**[2], [ҳол. groot]. Бодбони аз ҳама поёнии сутуни баландтарини (грот-сутуни) киштӣ.

**ГРОТЕ́СК**, [фр. grotesque аҷоиб, ғалатӣ, хандаовар]. **1**. Асари санъат ё адабиёт, ки дар он одамон, ашё ё ҳодисаҳо дар шакли аҷоибу ғароиби ҳаҷвӣ ё фантастикӣ тасвир ёфтаанд. **2**. Як навъ ҳуруфи матбаавӣ.

**ГРЭЙ, ГРЕЙ**, [англ. Gray – аз номи олими англис Л. Грэй (1905-1965)]. *физ*. Воҳиди вояи афканишоти ҷаббидашудаи радиоактивӣ; бо Гр ифода карда мешавад; 1 Гр = 100 рад.

**ГУАНА́КО**, [исп. guanaco]. *зоол*. Ҳайвони ҷуфтсум аз оилаи шутурҳо; дарозии баданаш то 1,75 м.

**ГУАНИ́Н**, [фр. guanine]. *хим*. Пайвасти органикӣ, ки дар ҳуҷайраҳои ҳамаи организмҳо дар таркиби кислотаҳои *нуклеинӣ* вуҷуд дорад.

**ГУА́НО**, [исп. guano]. **1**.Саргини хушки паррандаҳои баҳрӣ, ки ба сифати нурии азотӣ ва фосфорӣ истифода мешавад. **2**. Нурии сунъӣ (асосан дар Япония ва Норвегия) аз партови саноати коркарди моҳӣ ва диг. ҳайвоноти баҳрӣ.

**ГУАРА́НИ, ГВАРА́НИ**, [исп. guarani]. Воҳиди пулии Парагвай, ки ба 100 *сентимо* баробар аст.

**ГУА́Ш (ГУА́ШЬ)**, [фр. gouache < ит. guazzo]. **1**. Рангии обии ношаффоф. || Мқс. акварел. **2**. Сурате, ки бо чунин ранг кашида шудааст.

**ГУБЕРНА́ТОР**, [лот. gubernator ҳоким]. Сардори вилоят (мас., *губерния* дар Россияи подшоҳӣ, иёлат дар ИМА ва вилоят ё кишвар дар Россияи имрӯза).

**ГУБЕ́РНИЯ**, [лот. gubernis ҳокимият]. Воҳиди маъмурию ҳудудӣ дар Россияи подшоҳӣ, ки с. 1708 Пётри I ҷорӣ карда буд.

**ГУВЕРНЁР, ГУВЕРНА́НТКА**, [фр. gouverneur, gouvernante]. Мураббии (мураббияи) кирояи хонагӣ.

**ГУГЕНО́ТҲО**, [фр. huguenots]. *таър*. Тарафдорони *калвинизм* дар Фаронсаи асрҳои 16-18; то инқилоби буржуазии с. 1789 аз ҷониби калисои католикӣ ва ҳукумат таъқиб мешуданд.

**ГУГЛ**, [англ. Google]. *инф*. Калонтарин ва бонуфузтарин барномаи ҷустуҷӯӣ, ки ширкати Google Inc таҳия намудааст.

**ГУГЛ-...**, [< англ. Google]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки ба *гугл* робита доштанро ифода мекунад, мас., гугл-аккаунт, гугл-бозӣ, гугл-маркет, гугл-тарҷумон.

**ГУДО́К**, [< рус. гудеть ғуввос задан]. **1.** Номи умумии ҳуштакҳои сигналдиҳӣ, ки садояшон баланд ва ғафс аст, мас., Г.-и *завод, поезд*, киштӣ ва ғ. **2.** *мус*. Қадимтарин асбоби мусиқии сетораи русӣ.

**ГУДРО́Н**, [фр. goudron]. Қатрон, қир; партови нафт, ки барои мумфарш кардани роҳҳо, инчунин ба сифати сӯзишворӣ истифода мешавад.

**ГУДРОНА́ТОР**, [< *гудрон*]. Мошини дастӣ, ядакӣ ё худгард барои кашондан, рехтан ва ҳамвор кардани *гудрон* ҳангоми роҳсозӣ ё таъмири роҳ.

**ГУ́ЛДЕН (ГУ́ЛЬДЕН)**, [ол. Gulden < Gold тилло]. Воҳиди пули Ҳолландия (номи дигараш – *флорин*) то ҷорӣ гардидани *евро*, инчунин воҳиди пули тиллоӣ ё нуқрагӣ дар Олмон, Австро-Венгрия ва дигар мамлакатҳои Аврупо дар асрҳои 17-19.

**ГУЛЯ́Ш**, [венг. hulas]. Таоме, ки аз пораҳои гӯшти бирён, хуриш (*гарнир*) ва қайла иборат аст. || Мқс. азу, бефстроганов.

**ГУМАНИ́ЗМ**, [< лот. humanus инсондӯстона]. Инсондӯстӣ, муҳаббат доштан ба одамон, эҳтиром ва эътирофи ҳуқуқ ва шаъну шарафи инсон, ғамхорӣ нисбат ба одамон.

**ГУМАНИ́СТ**, [< *гуманизм*]. Ҷонибдор ва пайрави *гуманизм*; одамдӯст, инсонпарвар.

**ГУМАНИТАРӢ**, [фр. humanitaire < лот. humanistas табиати одамӣ, маълумотнокӣ]. Мансуб ба фарҳанг, ҳуқуқ ва манфиатҳои инсон; ф а л о к а т и Г. – дар натиҷаи ҷанг, амалиёти террористӣ ё офатҳои табиӣ бе хона, хӯрокворӣ ва ёрии тиббӣ мондани шумораи зиёди одамон; и л м ҳ о и Г. – илмҳои ҷамъиятӣ (санъат, забон ва адабиёт, таърих ва ғ.); ё р и и Г. – ёрии башардӯстона; пул ё маҳсулоти хӯрокворӣ, ки ташкилотҳои эҳсонкор дар байни табақаҳои муҳтоҷи аҳолӣ тақсим мекунанд.

**ГУМАНО́ИД**, [< лот. humanus инсондӯстона + юн. eidos намуд]. Махлуқи одамшакл.

**ГУМЕРА́Л**, [< лот. umerus китф]. Қисми либоси рӯҳонии калисои католикӣ – рӯймоли канабӣ, ки ба сари китф мепартоянд.

**ГУМИДӢ**, [< лот. humidus намнок]. Мансуб ба намӣ; иқлими Г. – иқлими сербориш ва намнок.

**ГУМИФИКА́ТСИЯ (ГУМИФИКА́ЦИЯ)**, [< лот. humus замин, хок + ...*фикатсия*]. Ба *гумус* табдил додани пасмондаҳои пӯсидаи органикӣ бо ёрии микроорганизмҳо, намӣ ва оксиген.

**ГУ́ММА**, [лот. gummi шилм]. *тиб.* Варами бофтаҳои пайвасткунандаи ҳуҷайраҳои зери пӯсти узвҳои гуногун.

**ГУ́ММИ**, [лот. gummi]. *бот.* Шилм; самғ; карбогидратҳои шираву тарашшуҳоте, ки аз растаниҳо ҳангоми захмдоршавӣ ё баъзе бемориҳо ҷудо мешавад.

**ГУМОЛИ́ТҲО**, [< лот. humor моеъ +...*литҳо*]. Гурӯҳи ангиштҳое, ки дар ботлоххо аз боқимондаҳои растаниҳои олӣ пайдо мешаванд.

**ГУ́МУС**, [< лот. humus замин, хок]. Қабати тираранги замин, ки аз пӯсиши растаниҳо пайдо шудааст; Г. заминро ҳосилхез мекунад.

**ГУ́НТЕР**, [англ. hunter аспи шикорӣ]. Ҷинси аспҳои бақуввату тоборари саворӣ, ки дар Британияи Кабир ва баъзе мамлакатҳои дигар барои шикори варзишӣ ва пойгаи мамониатдор парвариш мекунанд.

**ГУ́ППИ**, [англ. guppy]. *зоол.* Як навъ моҳии хурд, ки дар аквариумҳо парвариш мекунанд; дарозиаш 3-6 см.

**ГУРА́МИ**, [лот. Gurami]. *зоол.* Моҳӣ аз оилаи лабиринтиҳо; дарозиаш то 0,6 м; қанотҳои шиноварии зери шикамаш дарози ресмоншакл; дар ҳавзҳо ва аквариумҳо парвариш мекунанд.

**ГУРД**, [фр. gourde]. Воҳиди пули Гаити, ки ба 100 сентимо баробар аст.

**ГУРМА́Н**, [фр. gourmand]. Зуккухӯр; одаме, ки таомҳои лазизу латифро дӯст медорад.

**ГУРУ́**, [санск. муаллим]. **1**. Сардори ҷамъияти динии сикхҳо дар Панҷоб (Ҳиндустон). **2**. Устод, мураббӣ, муаллим дар дини буддоӣ, йога ва дигар ҷараёнҳои фалсафию динии Ҳиндустон. **3**. *маҷ.* Устод, мураббӣ, муаллим.

**ГУСА́РҲО**, [< венг. huszar]. Аскарон ва афсарони қӯшунҳои савораи Россияи подшоҳӣ ва диг. мамлакатҳои Аврупо; аввалин бор дар асри 15 дар Венгрия пайдо шудаанд.

**ГУСИ́ТҲО**, [< чех. hussit – аз номи қаҳрамони халқи чех Ян Гус (1369-1415)]. Пайравони Ян Гус, иштирокчиёни муборизаи халқи Чехия бар зидди калисои католикӣ, истисмори феодалҳо ва таҷовузи аҷнабиён (дар нимаи аввали асри 15).

**ГУ́СЛА, ГУ́СЛЕ**, [булғ., серб.]. Асбоби мусиқии як ё дутора, ки дар байни халқҳои булғор, серб, хорват ва словения маъруф аст.

**ГЭС**, [рус. < кӯтоҳшудаи гидроэлектростансия]. Нерӯгоҳи барқии обӣ (НБО); нерӯгоҳе, ки дар он қувваи механикии ҷараёни об тавассути *генераторҳо* ба қувваи электр (барқ) табдил дода мешавад.

# Д

**ДАБЛ-ДЕ́ККЕР**, [англ. double decker]. Автобуси дуошёна, ки бори аввал дар Британияи Кабир сохта шуда буд.

**ДАБЛ-КЛИ́К, ДАБЛКЛИ́К,** [англ. double click]. *комп.* Ду маротиба зуд-зуд пахш намудани тугмачаи чапи «мушак»-и компютер барои кушодан ё пӯшидани *файлҳо*, *директорияҳо*, ҷузвдонҳо ва ғ. ‖ Мқс. клик.

**ДАБЛ-ФЕЙС**, [англ. double face]. Либос, матоъ ё маснуоти дигари дутарафа; костюм ё курткае, ки ҳам роста ва ҳам чаппа пӯшидан мумкин аст.

**ДА́БЛЪЮ- ДА́БЛЪЮ-ДА́БЛЪЮ**, [англ. WWW < world wide web тортанакхонаи умумиҷаҳонӣ ]. *инф.* **1**. Шабакаи ҷаҳонии Интернет; миллионҳо компютери саросари ҷаҳон, ки бо сим ё бесим ба Интернет пайваст шудаанд. **2**. Иттиҳоди истеҳсолкунандагони таъминоти барномавие, ки бо стандартҳои шабакаи Интернет мутобиқанд. **3**. Се ҳарфи аввали суроғаҳои шабакавии сайтҳои интернетӣ, мас., www.academia.org.

**ДАДАИ́ЗМ**, [фр. dadaisme < dada аспак]. Ҷараёни *авангардистӣ* дар адабиёт ва санъат, ки солҳои 1916 – 24 дар Аврупои Ғарбӣ (асосан дар Фаронса ва Олмон) вуҷуд дошт; пайравони Д. олами воқеиро қасдан ва дидаю дониста бо образҳои бемаъно ва бемантиқ тасвир менамуданд; солҳои 1922 – 24 Д. дар Фаронса бо *сюрреализм* ва дар Олмон бо *экспрессионизм* омезиш ёфт.

**ДА́ЙВЕР**, [англ. diver ғаввос]. *варз.* Варзишгаре, ки бо *дайвинг* машғул аст.

**ДА́ЙВИНГ**, [англ. diving ғуттазанӣ ба зери об, ғаввосӣ]. *варз.* Яке аз намудҳои варзиши обӣ; шиноварӣ дар зери об бо *акваланг*.

**ДАЙМ,** [англ. dime]. Тангаи 10-сента дар ИМА ва Канада.

**ДА́ЙМИО, ДА́ЙМЕ**, [яп.]. Ашрофи феодалӣ дар Япония, ки то табаддулоти сиёсии с. 1868 (ба ном инқилоби Мейдзи) ҳокимияти давлатӣ дар дасти онҳо буд.

**ДА́ЙҶЕСТ (ДА́ЙДЖЕСТ)**, [англ. digest баёни мухтасар]. **1**. Китобе, ки дар он асарҳои бадеии машҳур иҷмолан чоп шудаанд. ‖ Мқс. хрестоматия. **2**. Нашрияи даврӣ (маҷалла, рӯзнома), ки маводи нашрияҳои дигарро интихоб ва ихтисор намуда, аз нав чоп мекунад.

**ДА-КА́ПО**, [ит. da capo]. Аломати нота, ки ба такроран иҷро намудани пйеса ишора мекунад.

**ДАКРИОАДЕНИ́Т**, [< юн. dakryon ашк, оби чашм + aden ғадуд]. *тиб.* Варами ғадуди ашк. ‖ Мқс. дакриосистит.

**ДАКРИОСИСТИ́Т (ДАКРИОЦИСТИ́Т)**, [< юн. dakryon ашк, оби чашм + kystis пуфакча, халтача]. *тиб.* Варами ашкдон (халтачаи ашк); дар натиҷаи маҳкам шудани ашкроҳаи байни бинию чашм пайдо мешавад.

**ДАКТИЛИ́Т**, [< юн. daktylos ангушт]. *тиб.* Варами ангушт, ки бо таъсири баъзе инфексияҳо, мас. оташак (*сифилис*), пайдо мешавад. ‖ Мқс. панаритсий, пандактилит.

**ДАКТИЛО**..., [< юн. daktylos ангушт]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки ангуштро ифода мекунад, мас., *дактилография, дактилоскопия*.

**ДАКТИЛОГРА́ФИЯ**, [< *дактило...* + *...графия*]. **1**. Техникаи хатнависӣ дар мошинкаи хатнавис. **2**. Хатнависӣ бо ангушт дар рӯи ҳама чизе, ки барои хатнависӣ қулай аст; барои муошират бо ношунавоён ё нобиноён хизмат мекунад (калимаҳо бо ангушт дар кафи дасти онҳо навишта мешаванд). || Мқс. дактилология.

**ДАКТИЛОЛО́ГИЯ**, [< *дактило...* + *...логия*]. Забони ангуштон; усули бо ангуштҳои даст ифода кардани сухан; ҳар як ҳолати ангуштони даст ин ё он ҳарфи алифборо ифода мекунад; барои муошírати байни гунгҳо ё байни одами солиму гунг истифода мешавад. || Мқс. дактилография.

**ДАКТИЛОСКОПИ́Я**, [< *дактило...* + *...скопия*]. Усули шинохтани шахс аз рӯи изи ангуштони дасти ӯ; Д. ба он асос ёфтааст, ки нақши болиштаки ангуштони дасти ҳар як одам фақат ба худаш хос буда, аз нақши ангуштони одамони дигар фарқ мекунад; дар *криминалистика* барои муайян кардани шахсияти ҷинояткор истифода мешавад.

**ДАЛА́Й-ЛА́МА**, [< муғ. Дарёи Ҳикмат]. Унвони саррӯҳонии калисои ламаӣ; аз асри 17 то ғалабаи коммунистон (миёнаҳои асри 20) Д.-Л. ҳокими динӣ ва дунявии музофоти Тибети Хитой ба шумор мерафт; чун Худои зинда парастиш мекунанд.

**ДАЛА́СИ**, [англ. dalasi]. Воҳиди пул дар Гамбия, ки ба 100 бутут баробар аст.

**ДАЛМА́ТҲО**, [лот. Dalmatae]. Қабилаҳои қадимие, ки дар соҳили шарқии баҳри Адриатика зиндагӣ мекарданд; сарзамини онҳоро румиён истило намуда, музофоти Далматсия ташкил карданд; Д. ба забони далматӣ гап мезаданд, ки он дар асри 19 аз байн рафт.

**ДАЛТОНИ́ДҲО (ДАЛЬТОНИ́ДҲО)**, [аз номи химик ва физики англис Ҷ. Далтон, 1766-1844]. *хим.* Пайвастҳои химиявии таркибашон доимӣ.

**ДАЛТОНИ́ЗМ (ДАЛЬТОНИ́ЗМ)**, [аз номи химик ва физики англис Ҷ. Далтон, 1766-1844]. *тиб.* Як навъ бемории чашм, ки шахси ба он мубталошуда рангҳоро (хусусан рангҳои сурх ва сабзро) фарқ карда наметавонад.

**ДАЛТО́НИК (ДАЛЬТО́НИК)**, [< далтонизм]. Шахсе, ки мубталои *далтонизм* шудааст.

**ДА́МА**, [< фр. dame]. **1**. Дар мамлакатҳои франсавизабон ва англисизабон зани воломақом аз доираи сарватмандон ва зиёиён. **2**. Умуман зан ба нишони эҳтиром. **3**. Қартае, ки дар рӯи он сурати зан тасвир ёфтааст.

**ДАМАССЕ́**, [< фр. damasse нақшдор, мунаққаш]. Матои ғафс, вале мулоими дорои нақшҳои калон, ки асосан барои рӯйкаш кардани курсиву диван ва кати хоб истифода мешавад.

**ДА́МБА**, [< ҳол. dam]. Банди об; сарбанд; иншооти гидротехникие, ки аз регу санг, бетон ва ғ. сохта мешавад; барои муҳофизати соҳил аз шусташавӣ, ҷамъ кардани об дар обанборҳо хизмат мекунад.

**ДАМО́КЛ**, [< юн]. Шамшери Д. – **1**. Мувофиқи ривоятҳои Юнони Қадим, шоҳи золими сиракузӣ Дионисии I (432-367 то милод) Дамокл ном шахсеро, ки ба ӯ рашк дошта, орзуи тахту тоҷи ӯро мекардааст, дар вақти яке аз базмҳо ба тахти худ мешинонад; Дамокл дар авҷи базм ногоҳ мебинад, ки дар болои сараш шамшери тези бо қили асп басташудае овезон аст; шоҳ бо ин кораш ба Дамокл фаҳмонданӣ шудааст, ки ҳокимиятдорӣ кори осону бехавф нест. **2**. *маҷ*. Хавфу хатари доимо таҳдидкунанда.

**ДА́МПИНГ**, [англ. dumping партофтан]. Технологияи гӯр кардани партовҳои саноатӣ.

**ДАН**, [яп. dan]. Дараҷа, зина дар баъзе намудҳои варзиш (бештар дар муҳорибаҳои шарқӣ).

**ДАНАИ́ДҲО**, [< юн. қад.]. **1**. Мувофиқи асотири Юнони Қадим – 50 духтари шоҳи Аргос Данай, ки шавҳарони худро куштаанд ва барои ин гуноҳашон худоҳо онҳоро ба он маҳкум намуданд, ки чалаки (бочкаи) бетагро тамоми умр бо об пур кунанд. **2**. *маҷ*. Чалаки (бочкаи) Д. – меҳнати беохир ва бесамар.

**ДАНА́Й**, [юн. қад. Danai]. Дар асотири Юнони Қадим – писари шоҳи Миср, ки якҷоя бо 50 духтараш (*данаидҳо*) ба Аргос гурехт ва дар ин ҷо соҳиби тахти подшоҳӣ гардид; аз тарафи домодаш Линкей кушта шуд.

**ДАНА́ЙҲО**, [< юн. қад. Danai]. **1**. Қабилаҳои юноние, ки замонҳои қадим дар ш. Аргоси нимҷазираи Пелопонес зиндагӣ мекарданд. **2**. Тухфаи Д. – мувофиқи ривоят, данайҳо, ки бо троягиҳо меҷангиданд, бо мақсади даромадан ба шаҳри муҳосирашуда аспи калони чӯбине сохта, онро дар наздикии девори қалъаи шаҳр ба сифати тухфа монда рафтанд. Троягиҳо, ки аз макри данайҳо хабар надоштанд, аспро ба даруни қалъа кашида даровcovered. Шабона сипоҳиёни дар даруни асп пинҳонбуда аз он берун баромада, посбононро куштанд ва дарвозаи шаҳрро кушода, данайҳоро ба шаҳр сар доданд ва онҳо Трояро ишғол карданд. **3.** *маҷ*. Тухфаи шубҳанок.

**ДАНБУРИ́Т**, [англ. damburite]. *маъд*. Минерале, ки аз боросиликати калсий таркиб ёфтааст; дар шакли кристаллҳои шаффоф ва *агрегатҳои* дона-дона вомехӯрад; аз Д. *бор* ҳосил мекунанд.

**ДА́НСИНГ, ДА́НСИНГ-ХОЛЛ**, [англ. dancing, dancing-hall]. Толори рақс.

**ДАНТИ́СТ**, [фр. dentiste < лот. dens дандон]. Табибе, ки дандон табобат мекунад ё дандон мешинонад, аммо маълумоти олии махсус (стоматологӣ) надорад. || Мқс. стоматолог.

**ДА́О**, [хит. Тариқат]. Дар мазҳаби конфутсӣ – тариқати камолоти маънавӣ; маҷмуи меъёрҳои ахлоқӣ.

**ДАОСИ́ЗМ**, [< хит. *Дао*]. **1**. Яке аз ҷараёнҳои асосии фалсафаи Хитойи Қадим, ки дар асрҳои 6-5 то милод пайдо шудааст; мувофиқи таълимоти Д. тамоми ашё бо роҳи хоси худ – *дао* ба вуҷуд меоянд ва тағйир меёбанд; инсон бояд банду ишкели вазифаю вазифадориро аз худ дур карда, ба ҳаёти ба табиат наздик баргардад. **2**. Яке аз динҳои асосии Хитой, ки дар асри 2 аз фалсафаи даосизм ба вуҷуд омадааст; асоси

Д.-ро ҷустуҷӯи бахту саодати абадӣ ташкил медиҳад, ки ба он бо иҷрои 10 кори хайр (адои қарзи фарзандӣ, каноат, сабру таҳаммул, худфидоӣ ва ғ.) ноил гардидан мумкин будааст; пайравони Д. умри дарозро мақсади асосии худ шумурда, барои ин баъзе усулҳоро, аз қабили хӯроки парҳезӣ ва машқҳои ҷисмонӣ, истифода мебаранд.

**ДАРВИНИ́ЗМ**, [англ. darwinism – аз номи олими табиатшинос Ч. Дарвин, 1809-1882]. Таълимот дар бораи пайдоиш ва инкишофи намудҳои ҳайвоноту наботот бо роҳи интихоби табиӣ, инчунин дар бораи қонунҳои инкишофи табиати зинда. ‖ Мқс. ламаркизм, эволютсионизм.

**ДАРСОНВАЛИЗА́ТСИЯ (ДАРСОНВАЛИЗА́ЦИЯ)**, [аз номи физиологи фаронсавӣ Д' Арсонвал, 1851-1940]. *тиб*. Муолиҷа бо ҷараёни импулсии баландбасомад (110 – 400 кГтс), баландшиддат (20 – 40 кВ) ва қувваааш паст (то чанд миллиампер).

**ДАРТС**, [англ. darts]. Як навъ бозии варзишӣ – бо даст партофтани тирҳои пардор (*дротикҳо*) ба нишони даврашакл.

**ДАРТСМЕ́Н**, [< англ. darts]. Варзишгаре, ки бо *дартс* машғул аст; дартсбоз.

**ДАТОЛИ́Т**, [англ. datolite]. *маъд*. Як навъ минерал – боросиликати калсий, зерсинфи силикатҳо; дар шакли кристаллҳои сафед ва *агрегатҳои* дона-дона дучор мешавад; аз Д. бор ҳосил мекунанд.

**ДАТСА́Н (ДАЦА́Н)**, [муғ. daca]. Дайри бутпарастон (*ламаитҳо*).

**ДА́ТЧИК**, [< рус. дать додан]. Хабардиҳак; асбобе, ки аз кори олоту механизмҳо, фаъолияти организми зинда ва ғ. хабар медиҳад.

**ДА́УН**, [англ. down – аз номи духтури англис Лайонелл Даун]. *тиб*. Беморӣи Даун – яке аз шаклҳои *олигофрения*, ки дар натиҷаи вайроншавии маҷмуи хромосомаҳо пайдо мешавад; аломатҳояш: ақибмонии инкишофи ақлонӣ ва ҷисмонӣ, кори сусти ғадудҳои тарашшуҳи дохилӣ ва безебшавии тарҳи рӯй.

**ДА́УНИНГ-СТРИТ**, [англ. downing street]. Яке аз кӯчаҳои Лондон, ки дар он ҷо қароргоҳи сарвазири Англия воқеъ шудааст.

**ДАУНТА́УН**, [англ. down town]. Дар мамлакатҳои англисизабон – маркази шаҳр.

**ДА́ФНИЯҲО**, [лот. Daphnia]. *зоол*. Канаҳои обӣ; ҷонварони ниҳоят хурде аз оилаи харчангшаклҳо, ки ғизояшон бактерияҳо, содатаринҳо ва детритҳо мебошад; худи Д. ғизои моҳичаҳо ба шумор мераванд.

**ДАХА́У**, [ол. Dachau]. Аввалин лагери консентратсионе, ки фашистони гитлерӣ соли 1933 дар шаҳри Дахау (назди Мюнхен) сохта буданд; дар Д. зиёда аз 70 ҳазор нафар одам ҳалок гардидааст.

**ДА́ЧА**, [рус]. Хонаю боғчаи берунишаҳрии сокинони шаҳр барои истиқомат ва истироҳати тобистона; бӯстонсаро.

**ДАШНАКСУТЮ́Н (ДАШНАКЦУТЮ́Н)**, [арм. «Иттиҳоди амалиёт»]. Ҳизби сиёсии аксулинқилобии арманҳо, ки дар солҳои 90-уми асри 19 ташкил шудааст; барои

истиқлолияти миллӣ мубориза мебурд; баъди Инқилоби Октябр (1917) кӯшиш мекард, ки Арманистонро аз Русияи Шӯравӣ ҷудо кунад; аз моҳи майи соли 1918 то ноябри соли 1920 – ҳизби ҳукмрони Ҷумҳурии Арманистон; с. 1921 баъди аз тарафи меҳнаткашон ва армияи сурх торумор шудани исёни аксулинқилобӣ аъзоёну тарафдорони Д. ба хориҷа гурехтанд.

**ДАШНА́КҲО**, [арм.]. Аъзои ҳизби «Дашнаксутюн».

**ДВА**, [ҳинд. қад.]. Ду; номи рақами «2».

**ДВАПАРАЮ́ГА**, [ҳинд. қад.]. Дар дини ҳиндуия – давраи сеюми инкишофи ҷамъияти инсонӣ, ки дар он адолат гум шуда, бемориҳо ва офатҳои табиӣ оғоз ёфтанд.

**ДВИ́ГАТЕЛ (ДВИ́ГАТЕЛЬ)**, [< рус. двигать ба ҳаракат овардан, ҳаракат кунондан]. **1**. *тех*. Мошин ё механизме, ки ягон намуди энергияро ба энергияи механикӣ, яъне ба қувваи ҳаракатдиҳанда табдил медиҳад; муҳаррик. || Мқс. мотор. **2**. *тех*. Мошине, ки ягон чизро ба ҳаракат медарорад. **3**. *маҷ*. Қуввае, ки ба пешравии ягон соҳа мусоидат мекунад.

**ДВОРЯНИ́Н**, [< рус. двор ҳавлӣ, қаср]. Шахсе, ки ба тоифаи *дворянҳо* мансуб аст; ашроф, аъён, асилзода.

**ДВОРЯ́НҲО**, [< рус. двор ҳавлӣ, қаср]. Дар Россияи тоинқилобӣ (то с. 1917) – табақаи ҳукмрони имтиёзноки заминдорон; табақаи болоии Д. аз аъёну ашрофи унвондор иборат буд. || Мқс. помешик.

**ДЕ..., ДЕЗ...**, [< лот. de..., des...]. Пешванде, ки маъноҳои зеринро ифода мекунад: 1) ҷудо (нест, дур, бекор, гум, бартараф) кардани чизе ё раванде, мас., *дегазатсия*. 2) поёнфуроӣ, пастшавӣ, таназзул, завол, мас., *дегрессия*.

**ДЕАЭРА́ТОР**, [< *де...* + юн. aer ҳаво]. Асбоб барои аз об ҷудо кардани газҳои дар он ҳалшуда.

**ДЕАЭРА́ТСИЯ (ДЕАЭРА́ЦИЯ)**, [< *де...* + юн. aer ҳаво]. Аз моеъ (мас., аз об) ҷудо кардани газҳои дар он ҳалшуда (оксиген, карбонат ва ғ.) бо мақсади муҳофизати девори дегҳо, қубурҳо ва ғ. аз зангзанӣ. || Мқс. дегазатсия.

**ДЕБА́ГЕР**, [англ. debugger]. инф. Барномаи компютерие, ки барои ҷустуҷӯ ва ислоҳи хатою носозиҳои таъминоти барномавӣ таъйин шудааст.

**ДЕБАЛА́НС**, [< *де...* + *баланс*]. Нобаробарӣ, номувозинатӣ; *дисбаланс* низ гӯянд.

**ДЕБАРКА́ДЕР**, [фр. debarcader]. **1**. Бандари сайёр; истгоҳи шиновари киштиҳо; киштӣ ё *понтоне*, ки ҳамчун истгоҳи киштиҳо хизмат мекунад ва бо ҳамин мақсад ҷиҳозонида шудааст. **2**. *р.-оҳ*. Истгоҳи болопӯшидаи роҳи оҳан. || Мқс. перрон.

**ДЕБАРКА́ТСИЯ (ДЕБАРКА́ЦИЯ)**, [фр. debarcadere]. Ба соҳил ё фурудгоҳ (*аэродром*) фуровардани сарбозон ва техникаи ҳарбӣ аз киштии обӣ ё ҳавоӣ.

**ДЕБА́Т**, [фр. debat]. Мубоҳиса; мунозира; мубодилаи афкор, муҳокимаи ин ё он масъала. || Мқс. диспут.

**ДЕБЕНТУ́РА**, [фр. debenture]. Гувоҳномаи гумрук дар бораи баргардондани борҳо.

**ДЕ́БЕТ**, [лот. debet ӯ қарздор аст]. *мол.* Тарафи чапи ҳисобномаҳои (*счётҳои*) муҳосибӣ (бухгалтерӣ), ки дар он даромади пулӣ, қарзҳо ва хароҷоти ин ё он ташкилот, муассиса, корхона навишта мешавад.

**ДЕБИ́Л**, [лот. debil беқувват, суст, заиф]. *тиб.* **1**. Шахси дорои нуқси фаъолияти рӯҳӣ; камақл. **2**. *маҷ.* Калимаи таҳқиромез ба монанди «аҳмақ», «гов», «каллаварам» ва ғ.

**ДЕБИЛӢ**, [< лот. debil беқувват, суст, заиф]. *тиб.* Шакли сабук ё худ зинаи аввали камақлии модарзод (*олигофрения*).

**ДЕБИ́Т**, [< лот. debitus қарздор]. Ҳаҷми газ, об, нафт ва моеоти дигар, ки дар фосилаи муайяни вақт аз манбаъҳои табиӣ ё сунъӣ хориҷ мешавад; Д. одатан бо литр, мукаабметр ё тонна дар як сония, дақиқа, соат, шабонарӯз чен карда мешавад.

**ДЕБИТО́Р**, [лот. debitor]. *мол.* Шахс ё корхона, ташкилот, муассисаи қарздор.

**ДЕБЮ́Т**, [фр. debut]. **1**. Нахустбаромад; ҳунарнамоии нахустини артист дар саҳна; ибтидои фаъолият дар ягон соҳа (бештар дар санъат). **2**. Гаштҳои аввалин дар бозии шоҳмот ё шашка.

**ДЕБЮТА́НТ**, [фр. debutant]. Шахсе, ки дар ягон соҳа (мас., дар театр, кино, телевизион, сирк, варзиш ва ғ.) бори аввал ҳунарнамоӣ мекунад.

**ДЕВАЛВА́ТСИЯ (ДЕВАЛЬВА́ЦИЯ)**, [< фр. devaluation беқурбшавӣ]. *мол.* **1**. Як навъ ислоҳоти пул – расман паст кардани қурби тиллоии воҳиди пул. **2**. Паст шудани қурби пули миллӣ нисбат ба асъори мамлакатҳои дигар. || Мқс. ревалватсия.

**ДЕВАНА́ГАРИ**, [санск.]. Як навъ хати ҳиндӣ, ки ҳоло ҳам барои навиштани матнҳои ҳиндӣ ва санскрит истифода мешавад.

**ДЕВАСТА́ТСИЯ (ДЕВАСТА́ЦИЯ)**, [ол. Devastation]. Маҷмуи чорабиниҳо барои пурра несту нобуд кардани барангезандагони бемориҳои сироятии одам, ҳайвонот ва растаниҳо дар ин ё он маҳал.

**ДЕВЕ́ЛОПЕР**, [англ. developer]. **1.** Шахси ҳуқуқие, ки бо маблағи худ, бо маблағи қарзгирифтааш ва ё бо маблағи сармоягузорон ягон объект месозад. **2**. *инф.* Дар мошинҳои рақамии чоп – ғалтакчаи магнитӣ, ки рангро ба коғаз мегузаронад.

**ДЕВЕ́ЛОПМЕНТ**, [англ. development]. Фаъолияти соҳибкорие, ки бо бунёд намудани молу мулки ғайриманқул, азнавсозӣ, таъмир ва ободонии бинову иншоот ё қитъаҳои замин ва бо ин роҳ баланд бардоштани арзиши онҳо алоқаманд аст.

**ДЕВИА́ТСИЯ (ДЕВИА́ЦИЯ)**, [< лот. deviatio дуршавӣ]. **1**. *физ.* Дуршавии ақрабаки магнитии қутбнамо (*компас*) аз хати меридиан бо таъсири массаи калони оҳан. **2**. *биол.* Тағйирёбии инкишофи муътадили узви организми ҳайвонот дар натиҷаи тағйирёбии муҳити зист. **3**. Аз самти муқарраршуда баромадани ҳавопаймо, киштӣ

ва ғ. бо ин ё он сабаби беруна. **4**. *рад*. Д.-и басомад – дур шудан аз қимати миёнаи басомади лаппиши электр дар вақти *модулятсияи* басомад.

**ДЕВИ́З**, [фр. devise]. **1**. Шиор. || Мқс. лозунг.**2**. Хати рӯи нишон (герб), орден ва ғ. **3**. Номи мустаор; калимаи шартӣ, ки муаллифи асари бадеӣ, илмӣ, лоиҳа ва м. инҳо дар озмунҳои пӯшида ба ҷои номи худаш истифода мебарад.

**ДЕВИ́ЗҲО**, [фр. devises арз, асъор]. *мол*. Воситаҳои пардохт, одатан бо асъори хориҷӣ, ки бо ёрии онҳо ҳисоббаробаркуниҳои байналмилалӣ анҷом дода мешаванд.

**ДЕВИО́МЕТР**, [< *девиатсия* + *…метр*]. *тех*. Асбоб барои чен кардани *девиатсия* (ба маънои 4); бо мақсади назорат кардан ба сифати сигналҳои радио ва телевизион истифода мешавад.

**ДЕВО́Н**, [аз номи графии Девоншири Англия]. *геол*. Давраи чоруми *палеозой*, ки 60 млн сол давом кардааст.

**ДЕГАЗА́ТОР**, [< *дегазатсия*]. **1**. Таҷҳизот барои безараргардонии газҳо. **2**. Шахсе, ки бо безараргардонии газҳо (*дегазатсия*) машғул аст.

**ДЕГАЗА́ТСИЯ (ДЕГАЗА́ЦИЯ)**, [< *де…* + *газ* + пасв. -атсия]. **1**. Нест кардан ё безарар гардондани газҳои заҳрнок. **2**. Ниг. *деаэратсия*.

**ДЕГЕНЕРА́Т**, [< *дегенаратсия*]. **1**. Одаме, ки нуқсонҳои ҷисмонӣ ё ақлонӣ дорад. || Мқс. дебил. **2**. *гуфт., таҳқ*. Ноқисулақл; разил, нохалаф, нокас.

**ДЕГЕНЕРА́ТСИЯ (ДЕГЕНЕРА́ЦИЯ)**, [< лот. degenerare вайроншавӣ]. **1**. *биол*. Вайроншавии зот; дар натиҷаи шароити бади табиӣ аз насл ба насл вайрон шудан, бад шудани аломатҳои биологии организм ё узвҳои алоҳидаи растанӣ ва ҳайвонот. **2**. *биол*. Хурд ё нест шудани узвҳо дар рафти инкишофи муътадили фардӣ (мас., думи кафлесакҳо), дар рафти беморӣ ё ҳангоми тағйир ёфтани шароити зисти организмҳо. || Мқс. алломорфоз, идиоадаптатсия. **3**. *тиб*. Тағйирот дар ҳуҷайраҳо ва бофтаҳо дар натиҷаи вайрон шудани мубодилаи моддаҳо дар организм.

**ДЕГИДРАТА́ТСИЯ (ДЕГИДРАТА́ЦИЯ)**, [< *де…* + *гидраратсия*]. *хим*. Аз ягон модда ҷудо карда гирифтани об.

**ДЕГРАДА́ТСИЯ (ДЕГРАДА́ЦИЯ)**, [< лот. degradatio пастравӣ, пастшавӣ]. Таназзул, завол; тадриҷан бад шудан ё барҳам хӯрдан; ақибравӣ.

**ДЕГУСТА́ТОР**, [< *дегустатсия*]. Чошнигир, чашанда; мутахассиси *дегустатсия*.

**ДЕГУСТА́ТСИЯ (ДЕГУСТА́ЦИЯ)**, [< лот. degustare чашидани мазза]. Маззачашӣ; чошнигирӣ; аз рӯи мазза ва бӯй муайян кардани сифати маҳсулоти хӯрокворӣ, мас., май, тамоку, чой ва ғ.

**ДЕД**, [< рус. дед бобо]. *жарг*. Лақаби аскари хизматаш муҳлатнок, ки то ба охир расидани муҳлати хизматаш ним сол ё аз ин камтар мондааст.

**ДЕ́ДВЕЙТ**, [англ. deadweight]. Иқтидори пурраи борбардории киштӣ.

**ДЕДЛА́ЙН,** [англ. deadline]. Муҳлати охирине, ки то он вақт бояд кор, вазифа, супориш иҷро карда шавад.

**ДЕДУКТИВӢ**, [< *дедуксия*]. Ба *дедуксия* асосёфта; усули Д. – усули тафтишот ё муҳокимаронии илмӣ, ки ҳангоми он хулосаҳои ҷузъӣ мантиқан аз хулосаҳои умумӣ бармеоянд. || Мқс. индуктивӣ.

**ДЕДУ́КСИЯ (ДЕДУ́КЦИЯ)**, [< лот. deductio ҳосил кардан]. Хулосабарории мантиқӣ аз ҷузъ ба кулл. || Мқс. индуксия.

**ДЕЗ…**, [фр. des]. Ниг. *де…* .

**ДЕЗАКТИВА́ТОР,** [< *дезактиватсия*]. **1**. Асбоб ё таҷҳизот барои *дезактиватсия*. **2**. Шахсе, ки бо нест кардан ё безарар гардондани моддаҳои реактивӣ машғул аст; мутахассиси *дезактиватсия.*

**ДЕЗАКТИВА́ТСИЯ (ДЕЗАКТИВА́ЦИЯ),** [< *дез…* + *активатсия*]. Дур кардани моддаҳои радиоактивӣ аз ягон маҳал ё аз сатҳи ягон чиз. || Мқс. дегазатсия.

**ДЕЗЕРТИ́Р**, [< фр. deserteur]. **1**. Хизматчии ҳарбие, ки аз хизмати ҳарбӣ саркашӣ намуда, қисми ҳарбии худро тарк кардааст ё шахсе, ки аз даъват ба хизмати ҳарбӣ саркашӣ намудааст. **2**. *маҷ*. Шахсе, ки аз иҷрои вазифаҳои хизматӣ ё ҷамъиятии худ саркашӣ кардааст.

**ДЕЗЁРТ-РЕ́ЙСИНГ**, [англ. desert racing < desert биёбон + racing пойга]. Пойгаи автомобилҳо дар биёбон.

**ДЕЗИНСЕ́КСИЯ (ДЕЗИНСЕ́КЦИЯ)**, [< *дез…* + лот. insectum ҳашарот]. Нест кардани ҳашароти зараррасон бо доруҳои махсус.

**ДЕЗИНТЕГРА́ТОР**, [< *дезинтегратсия*]. *тех*. Мошин барои шикаста майда кардани масолеҳи гуногун (ангишт, намак, бӯр ва ғ.).

**ДЕЗИНТЕГРА́ТСИЯ (ДЕЗИНТЕГРА́ЦИЯ)**, [< *дез…* + лот. integer бутун]. Ба қисмҳо тақсим (ҷудо) шудани ягон чизи бутун; баръакси *интегратсия*.

**ДЕЗИНФЕ́КСИЯ (ДЕЗИНФЕ́КЦИЯ)**, [< *дез…* + лот. inficere сироят кардан]. Безараргардонӣ, нобудсозии микробҳои бемориовар бо ёрии таҷҳизот ё асбобҳои махсус.

**ДЕЗИНФОРМА́ТСИЯ (ДЕЗИНФОРМА́ЦИЯ)**, [< *дез…* + фр. informer хабар додан]. Хабарҳои бардурӯғ; гумроҳ намудани мардум бо роҳи паҳн намудани хабарҳои бардурӯғ. || Мқс. дезориентатсия.

**ДЕЗОДОРА́НТ**, [< *дез…* + лот. odor бӯй]. Моддаи махсус барои нест кардани бӯи нофорам ва хушбӯй намудани ҳаво, бадан ва ғ. || Мқс. антиперспирант, дезодоратор.

**ДЕЗОДОРА́ТОР**, [< *дез…* + лот. odor бӯй]. Моддаҳои химиявӣ барои нест кардани бӯи бад (*формалин*, оҳаки хлордор ва ғ.). || Мқс. антиперспирант, дезодорант.

**ДЕЗОДОРА́ТСИЯ (ДЕЗОДОРА́ЦИЯ)**, [< *дез…* + лот. odor бӯй]. Нест кардани бӯйҳои бад бо ёрии асбобҳои махсус ва моддаҳои химиявӣ (*дезодораторҳо*).

**ДЕЗОКСИРИБОНУКЛЕИНӢ,** [ол. Desoxyribo(se)nuklein]. *биол., хим.* Кислотаи дезоксирибонуклеинӣ (КДН) – яке аз кислотаҳои нуклеинӣ, биополимер, ки аз нуклеотидҳо иборат буда, дар таркибаш карбогидрати дезоксирибозу дорад; қисми таркибии мағзи (*ядрои*) ҳуҷайраҳои ҳайвонот ва растаниҳо, ки аломатҳо ва хусусиятҳои фардии организмро нигоҳ медорад ва аз насл ба насл медиҳад.

**ДЕЗОРИЕНТА́ТСИЯ (ДЕЗОРИЕНТА́ЦИЯ)**, [< *дез…* + лот. oriens шарқ]. Гумроҳ кардан, гумроҳшавӣ.

**ДЕЗУРБАНИ́ЗМ**, [< *дез…* + лот. urbanus шаҳрӣ]. *меъм.* Равияе дар шаҳрсозии асри 20, ки дар оғӯши табиат озодона маскун намудани аҳолиро назар ба сохтани шаҳрҳои калон афзал мешуморад.

**ДЕИДЕОЛОГИЗА́ТСИЯ (ДЕИДЕОЛОГИЗА́ЦИЯ)**, [< *дез…* + *идеология* + пасв. -*изатсия*]. Озод шудан, озод кардан аз ин ё он идеология (одатан идеологияи расмӣ, ҳукмрон).

**ДЕИ́ЗМ**, [фр. deisme < лот. Deus Худо]. Таълимоти динию фалсафии асрҳои 17 -18, ки Худоро офарандаи олам медонад, аммо иштироки онро дар ҳаёти табиат ва ҷамъият рад мекунад; баръакси *теизм*.

**ДЕЙТЕ́РИЙ**, [< юн. deuteros дуюм]. *хим. Изотопи* гидроген, ки ҳангоми бо оксиген ҳамроҳ шудани он «оби вазнин» ҳосил мешавад; «оби вазнин»-ро дар энергетикаи ядроӣ ва тадқиқоту озмоишҳои лабораторӣ истифода мебаранд.

**ДЕ́ЙТИНГ**, [англ. dating < date вохӯрӣ таъйин кардан]. Ҷустуҷӯи шарикони имконпазир ба воситаи *сайтҳои* шиносоӣ.

**ДЕЙТРЕ́ЙДЕР**, [англ. day trader < day рӯз + trader савдо кардан]. Мутахассиси *дейтрейдинг.*

**ДЕЙТРЕ́ЙДИНГ**, [англ. day trading < day рӯз + trading савдо]. *иқт.*, *тиҷ.* Амалиёт бо саҳмияҳо дар давоми як рӯзи савдо.

**ДЕЙТРО́Н**, [< *дейт(ерий)* + *(элект)рон*]. *хим.*, *физ.* Мағзи (ядрои) *дейтерий*, ки аз як *протон* ва як *нейтрон* иборат аст.

**ДЕКА**…, [< юн. deka даҳ]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки даҳро ифода мекунад, мас., *декалитр*.

**ДЕКА́БР (ДЕКА́БРЬ)**, [лот. December < юн. deka даҳ]. Номи моҳи дувоздаҳуми соли тақвимӣ, ки 31 рӯз аст.

**ДЕКАБРИ́СТҲО**, [рус. < *декабр*]. *таър.* Инқилобчиёни дворянини рус, ки моҳи декабри с. 1825 дар Петербург бар зидди мутлақияти подшоҳӣ ва зулми крепостноӣ шӯриш бардошта буданд (номашон аз ҳамин ҷост); Д. мехостанд ба нафъи халқ бо роҳи табаддулоти ҳарбӣ, вале бе иштироки оммаи васеи халқ инқилоб кунанд ва маҳз аз ҳамин сабаб шикаст хӯрданд.

**ДЕКАДА́НС**, [< лот. decadentia завол, таназзул]. Ниг. *декадентӣ.*

**ДЕКАДЕ́НТ**, [< лот. decadentia завол, таназзул]. **1**. Шахси рӯҳафтода, дунёбезор. **2**. Пайрави ҷараёни *декадентӣ.*

**ДЕКАДЕНТӢ**, [< лот. decadentia завол, таназзул]. Ҷ а р а ё н и  Д . – ҷараёни таназзули адабиёт ва санъат, ки ба инкишофи минбаъда қобилият надоштани онҳоро ифода мекунад; даъвои ҷараёни декадентӣ «санъат барои санъат» буда, ба он шаклпарастӣ, рӯҳафтодагӣ, дунёбезорӣ, одамнописандӣ ва фаҷгӯию фисқпарастӣ хос аст.

**ДЕКАЛИ́ТР**, [< *дека…* + *литр*]. Воҳиди ҳаҷми моеъ, ки ба даҳ литр баробар аст.

**ДЕКАЛО́Г**, [< юн. deka даҳ + logos сухан]. Даҳ наҳйи динии аҳди қадим дар Библия.

**ДЕКА́Н**, [< лот. decanus сардори даҳ нафар]. **1**. Дар лашкари Рими қадим – сардори даҳ сарбоз; даҳбошӣ. **2**. Сардори факултет дар мактабҳои олӣ. **3**. Дар асрҳои миёна – роҳиби мансабдори дайри католикӣ; дар калисои католикӣ ва англикании имрӯза – рӯҳонии калон, ки ба гурӯҳи диндорони ибодаткунанда назорат менамояд.

**ДЕКАНА́Т**, [< лот. ниг. *декан*]. Идораи маъмурию таълимии факултет бо сардории *декан.*

**ДЕКАПИТА́ТСИЯ (ДЕКАПИТА́ЦИЯ)**, [< лот. *de…*+ caput сар, нӯг]. **1**. *биол.* буридани сари ҳайвонот ҳангоми гузарондани таҷрибаҳои физиологӣ ва биологӣ. **2**. *бот.* Канда партофтани навдаҳои нумуъкунандаи растанӣ.

**ДЕКАПО́ДҲО**, [< юн. deka даҳ + pus (podos) пой]. *зоол.* Харчангшаклҳо ва *моллюскҳои* даҳпоя. || Мқс. октаподҳо, пантоподҳо.

**ДЕКАРБОНИЗА́ТСИЯ (ДЕКАРБОНИЗА́ЦИЯ)**, [< лот. *de…*+ carbo (carbonis) ангишт]. Аз карбон озод (тоза) кардани ягон масолеҳ, мас., Д.-и чӯян.

**ДЕКАТЛО́Н**, [< юн. deka даҳ + athlon мусобиқа]. *варз.* Даҳҳарба; мусобиқаи варзишӣ аз рӯи даҳ намуди *атлетика.* || Мқс. биатлон.

**ДЕКАЭ́ДР**, [< юн. deka даҳ + hedra тараф]. *геом.* Даҳпаҳлӯ.

**ДЕКВАЛИФИКА́ТСИЯ (ДЕКВАЛИФИКА́ЦИЯ)**, [< лот. *de…*+ *квалификатсия*]. Гум кардани донишу малакаҳои касбӣ; аз даст додани тахассус. || Мқс. дисквалификатсия.

**ДЕКЛАМА́ТОР**, [< *декламатсия*]. Шахсе, ки шеър ё ягон матни дигарро бурро, равон ва таъсирнок мехонад; иншодкунанда.

**ДЕКЛАМА́ТСИЯ (ДЕКЛАМА́ЦИЯ)**, [< лот. declamatio машқи суханварӣ]. **1.** Санъати бурро, равон ва таъсирнок хондани асари адабӣ; иншод. **2**. *маҷ.* Нутқ ё мақолаи дабдабанок, вале каммазмун; «адабигуфторӣ».

**ДЕКЛАРА́ТСИЯ (ДЕКЛАРА́ЦИЯ)**, [< лот. declaratio изҳорот, эълон]. **1**. Баёния; эъломия; изҳороти расмӣ ё ботантанаи давлат ё давлатҳо оид ба ягон масъала. **2**. Номи баъзе ҳуҷҷатҳои расмӣ, мас., Д.-и гумрукӣ, Д.-и ҳуқуқи башар.

**ДЕКЛИНА́ТСИЯ (ДЕКЛИНА́ЦИЯ)**, [< лот. declinatio майл кардан]. *физ*. Дур шудани ақрабаки магнитии қутбнамо (*компас*) аз хати тӯл (*меридиан*).

**ДЕКО́ДЕР**, [< лот. *de*…+ *код* (рамз)]. *инф*. Рамзкушо; дар техникаи ҳисоббарор – асбоб барои кушодани рамзҳои маълумоти рамзишудаи рақамӣ.

**ДЕКО́КТ**, [< лот. decoctum]. Гиёҳоба; табиҳ; обе, ки дар он гиёҳҳои шифобахш ҷӯшонда шудаанд.

**ДЕКОЛОНИЗА́ТСИЯ (ДЕКОЛОНИЗА́ЦИЯ)**, [фр. decolonisation]. Барҳам додани сохти мустамликавӣ; нест кардани истеъмор; озодшавӣ аз истеъмор.

**ДЕКОЛТЙЕ́ (ДЕКОЛЬТЕ́)**, [фр. decollete]. Куртаи занонаи чоки гиребонаш калон.

**ДЕКОМПЕНСА́ТСИЯ (ДЕКОМПЕНСА́ЦИЯ)**, [лот. decompensatio]. *тиб*. Талофинопазирӣ; суст шудани фаъолияти организм ё узв дар натиҷаи заиф гардидани қобилияти мутобиқшавии он.

**ДЕКОМПРЕ́ССИЯ**, [< лот. *de*…+ compressio фишурдан]. **1**. *тех*. Суст кардани фишор (тазйиқ). **2**. Гузариши босуръат аз муҳити фишораш баланд ба муҳити фишораш паст. **3**. *тиб*. Дард ё ҳолати дардноке, ки ҳангоми чунин гузариш пайдо мешавад. **4**. *тиб*. Кам ё нест кардани тазйиқи (фишори) ягон холигии бадан; Д.-и дил – амали ҷарроҳӣ барои аз фишор озод намудани дил.

**ДЕКО́НТ**, [фр. deconte]. *тиҷ*. Ниг. *ремиссия*.

**ДЕКО́Р**, [фр. decor]. *меъм*. Маҷмуи унсурҳои ороишӣ.

**ДЕКОРА́ТОР**, [< *декоратсия*]. Ороишгар; мутахассиси *декоратсия*. ‖ Мқс. дизайнер.

**ДЕКОРА́ТСИЯ (ДЕКОРА́ЦИЯ)**, [< лот. decorare оро додан]. **1**. Ороиши саҳна. **2**. Ороишоти саҳна. **3**. *маҷ*. Ягон чизи зоҳиран зебою дилкаш, вале ботинан вайрон.

**ДЕКО́РТ**, [ол. Dekort]. *мол*. Арзон кардани нархи мол ба хотири пешакӣ додани пули он ё барои паст будани сифати мол назар ба сифати ваъдашуда.

**ДЕКОРТИКА́ТСИЯ (ДЕКОРТИКА́ЦИЯ)**, [< лот. decorticatio аз пӯстлох ҷудо кардан]. *физиол*. **1**. Дур кардани қишри ягон узв, мас., қишри мағзи сар ё қишри ғадудҳои болои гурда. **2**. Аз қабатҳои *фиброзӣ* озод кардани рӯи шуш.

**ДЕКО́РУМ**, [< лот. decorum одоб]. Такаллуфот; боадабии зоҳирӣ; хушмуомилагии сохтакорона.

**ДЕКРЕМЕ́НТ**, [< лот. decrement коҳиш, камшавӣ]. **1**. *физиол*. Тадриҷан суст ва хомӯш шудани мавҷи ҳаяҷони асаб ҳангоми ба торҳои асаб паҳн шудани он. **2**. *тиб*. Давраи сабук шудани беморӣ.

**ДЕКРЕ́Т**, [< лот. decretum қарор]. **1**. Қарори ҳокимияти олӣ (одатан – номи қонунҳои ҳокимияти шӯравӣ дар солҳои аввали баъди инқилоб), мас., Д. дар бораи сулҳ, Д. дар бораи замин. **2**. *гуфт*. Номи омиёнаи рухсатие, ки ба занҳо пеш аз таваллуд карданашон медиҳанд.

**ДЕКРЕТА́ЛИЯ**, [< лот. decretalis бо *декрет* муқарраршуда]. **1**. Қарори Папаи Рим, ки дар шакли паём оид ба масъалаҳои ҳуқуқу қонунҳои калисо нашр мегардад. **2**. Дар асрҳои миёна – маҷмуи қонунҳо ва санадҳои дигари ҳуқуқӣ. || Мқс. бреве.

**ДЕКРУСТА́ТСИЯ (ДЕКРУСТА́ЦИЯ)**, [лот. decrustatio]. Ҷудо шудани карахши яра.

**ДЕКСИОКАРДИ́Я**, [лот. dexiocardia]. Ниг. *декстрокардия.*

**ДЕКСТРИ́Н**, [фр. dextrine]. Ширеш; маҳсулоте аз оҳар (*крахмал*), ки дар соҳаҳои гуногуни саноат чун ширеш кор фармуда мешавад.

**ДЕКСТРОВЕРСИ́Я**, [лот. dextroversio]. *физиол., тиб*. Ба тарафи рост хамидани бачадон.

**ДЕКСТРОГАСТРИ́Я**, [лот. dextrogastria]. *физиол., тиб*. Дар тарафи рост қарор гирифтани меъда.

**ДЕКСТРО́ЗА**, [фр. dextrose]. Номи пештараи *глюкоза*.

**ДЕКСТРОКАРДИОГРА́ММА,** [< лот. dextrocardiogramma]. Электрокардиограммаи меъдачаи рости дил.

**ДЕКСТРОКАРДИ́Я,** [лот. dextrocardia]. *физиол., тиб*. Дар тарафи рости сандуқи сина ҷойгир шудани дил.

**ДЕКУВЕ́Р**, [фр. decouver]. *мол*. Фарқи байни арзиши молу мулк ва маблағи суғуртаи он.

**ДЕКУРИО́Н**, [лот. decurio]. **1**. Дар Рими Қадим – сардори 10 сарбози савора. **2**. Дар давраи Империяи Рим – намояндаи табақаи имтиёзнок.

**ДЕЛИКАТЕ́С**, [фр. delicatesse]. Таоми хушхӯр.

**ДЕЛИ́КТ**, [лот. delictum]. *ҳуқ*. Қонуншиканӣ; ҳуқуқвайронкунӣ; ба маънои тангаш – аз тарафи шаҳрванд вайрон кардани қонун, ки барои ин ӯ ба ҷавобгарӣ кашида нашуда, танҳо товони зарари расондаашро медиҳад.

**ДЕЛИМИТА́ЦИЯ (ДЕЛИМИТА́ТСИЯ)**, [фр. delimitation]. *ҳуқ*. Муайян намудани сарҳади давлат ва дар харита нишон додани он мувофиқи шартномаи басташуда.

**ДЕЛИНКВЕ́НТ**, [< лот. delinquentia гуноҳ, кирдори бад]. *ҳуқ*. Қонуншикан; ҷинояткор; балвогар.

**ДЕЛИ́РИЙ**, [< лот. delirium аз ақл бегона шудан]. *тиб*. Ҳазён бо таваҳҳуми босиравӣ; як намуди ихтилоли шуур (бемор ба вақт ва макон сарфаҳм намеравад, дар пеши

назараш ҳар гуна чизҳои ғайриодӣ пайдо шудан мегиранд, тарсончак, хаёлӣ, васвосӣ, баъзан меҳрубону раҳмдил мешавад).

**ДЕ́ЛТА (ДЕ́ЛЬТА)**, [юн. delta]. **1**. Ҳарфи чоруми алифбои юнонӣ (Δ, δ). || Мқс. алфа, бета, гамма. **2**. Резишгоҳи дарё, ки одатан шакли секунҷа дошта ба ҳарфи юнонии «Δ» монанд аст.

**ДЕ́ЛТА... (ДЕ́ЛЬТА...)**, [юн. delta]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки ба ҳолатҳои ин ё он модда ишора мекунад, мас.: делта-оҳан.

**ДЕЛТАПЛА́Н (ДЕЛЬТАПЛА́Н)**, [< *делта* (1) + лот. planum сатҳ]. Олати парвозкунандаи сабук секунҷа, ки бо он одатан як кас парвоз мекунад.

**ДЕЛТАПЛАНЕРИ́ЗМ (ДЕЛЬТАПЛАНЕРИ́ЗМ)**, [< *делта* (1) + *планеризм*]. *варз.* Намуди варзиш – парвоз бо *делтапланҳо*.

**ДЕЛФИ́Н (ДЕЛЬФИ́Н)**, [юн. delphinos]. **1**. *зоол.* Ҳайвони ширхӯри баҳрӣ аз гурӯҳи наҳангҳои дандордор. **2**. *варз.* Яке аз намудҳои *баттерфляй* – усули шиноварии варзишӣ, ки ба як қулочкашӣ ду ҳаракати пой рост меояд.

**ДЕЛФИ́НИУМ (ДЕЛЬФИ́НИУМ)**, [лот. delphinium]. *бот.* Як навъ гиёҳ аз оилаи чиноракҳо.

**ДЕМАГО́Г**, [< юн. demagogos доҳии халқ]. Дар Юнони Қадим – ходими сиёсии дорои ақидаҳои демократӣ; вале рафта-рафта ин истилоҳ маънои авомфиребро гирифт.

**ДЕМАГО́ГИЯ**, [< *демагог*]. Авомфиребӣ; гумроҳ кардани одамон бо ваъдаҳои бардурӯғ, хушомадгӯӣ, найрангбозию фитнагарӣ.

**ДЕМАНТО́ИД**, [ол. Demantoid]. *маъд.* Минерале аз гурӯҳи беҷодаҳо, як навъи *андрадит,* ки рангаш сабзи паст аст.

**ДЕМАРКА́ТСИЯ (ДЕМАРКА́ЦИЯ)**, [фр. demarcation]. **1**. Муайян кардан ва дар маҳал нишон додани сарҳади байни ду мамлакат. **2**. *тиб.* Ҷудо кардани ҷойҳои мурдаи бофта аз ҷойҳои солими он.

**ДЕМА́РКЕ́ТИНГ**, [англ. demarketing]. *иқт., тиҷ.* Кам кардани талабот ба мол бо роҳи баланд бардоштани нархи мол ё кам кардани хароҷот барои рекламаи он.

**ДЕМА́РШ**, [< фр. demarche амал кардан, баромад кардан]. Изҳорот, амал ё чорабинии дипломатӣ бо мақсади таъсир расондан ба ин ё он давлат ё мақомоти ҳукуматӣ; эътирози намоишкорона ба нишони норозигии қатъӣ.

**ДЕМЕ́НСИЯ (ДЕМЕ́НЦИЯ)**, [< лот. dementia]. *тиб.* Камақлии муҳассал (ғайримодарзодӣ).

**ДЕМЕРКУРИЗА́ТСИЯ (ДЕМЕРКУРИЗА́ЦИЯ)**, [фр. demercurisation < mercure симоб]. Бо усулҳои махсус тоза кардани хона, зарф ва ғ. аз симоби рехта.

**ДЕМЕ́ТРА**, [юн. Demeter]. Дар асотири Юнони Қадим – олиҳаи зироат ва ҳосил.

**ДЕМИЛИТАРИЗА́ТСИЯ (ДЕМИЛИТАРИЗА́ЦИЯ)**, [< лот. *de…+ милитаризатсия*]. Беяроқгардонӣ; ба ягон давлат пурра ё қисман манъ кардани доштани қувваҳои мусаллаҳ ва саноати ҳарбӣ; баръакси *ремилитаризатсия*.

**ДЕМИУ́РГ**, [< юн. demiurgos усто, созанда]. **1**. Дар Юнони Қадим – аввалҳо – усто, ҳунарманд, рассоми озод; баъдҳо – мансабдори калони давлатӣ. **2**. *фалс*. Дар фалсафаи Афлотун – Худо чун офарандаи олам. **3**. *маҷ*. Қувваи офаранда; бунёдкор.

**ДЕМО...**, [англ. demo кӯтоҳшудаи demonstrative намоиш]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки ба намоиши чизе робита доштанро ифода мекунад, мас., демо-версия, демо-клип, демо-сабт.

**ДЕ́МО-ВЕ́РСИЯ**, [англ. demoversion]. Нусхаи намунавии барнома, бозӣ ва ғ. барои намоиш; одатан бар хилофи нусхаи асосӣ баъзе маҳдудиятҳо дорад.

**ДЕМОБИЛИЗА́ТСИЯ (ДЕМОБИЛИЗА́ЦИЯ)**, [фр. demobilisation]. **1**. Аз ҳолати ҷанг ба ҳолати осоишта гузарондани қувваҳои мусаллаҳ ва ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ. **2**. Аз хизмати ҳарбӣ озод карда, ба захираи эҳтиётӣ ё истеъфо ҷавоб додани хизматчиёни ҳарбӣ. || Мқс. мобилизатсия. **3**. *маҷ*. Суст шудани фаъолият, кам шудани қувваю ғайрат.

**ДЕМОГРА́ФИЯ**, [< юн. demos халқ + grapho менависам]. Илме, ки шумора, афзоиш ва паҳншавии аҳолӣ дар кураи замин, инчунин таркиби аҳолиро аз рӯи ҷинс, миллат, синну сол, машғулият ва ғ. меомӯзад.

**ДЕ́МО-КАР**, [англ. demo car]. *тиҷ*. Автомобиле, ки бо мақсади намоиш ва реклама истифода бурда мешавад.

**ДЕМОКРА́Т**, [< *демократия*]. **1**. Тарафдори *демократия*. **2**. Узви ҳизби демократӣ.

**ДЕМОКРАТИЗА́ТСИЯ (ДЕМОКРАТИЗА́ЦИЯ)**, [< *демократия*]. Демократикунонӣ; ҷорӣ намудани сохти демократӣ дар ҳаёти ҷомеа.

**ДЕМОКРАТИ́ЗМ**, [< *демократия*]. **1**. Вуҷуд доштани *демократия*, эътироф ва дар амал татбиқ кардани он. **2**. *маҷ*. Муносибати одилона, хоксорона ва одии роҳбар бо атрофиёнаш.

**ДЕМОКРА́ТИЯ**, [< юн. demos халқ + kratos ҳокимият]. **1**. Ҳокимияти халқ – сохти сиёсию давлатӣ, ки дар он ҳокимият дар дасти халқ аст. **2**. Принсипи кори ташкилот (муассиса, корхона ва ғ.), ки дар асоси он иштироки фаъолона ва баробарҳуқуқонаи ҳамаи кормандон дар муҳокима ва ҳалли масъалаҳои бамиёномада таъмин карда мешавад.

**ДЕМОНЕТИЗА́ТСИЯ (ДЕМОНЕТИЗА́ЦИЯ)**, [фр. demonetisation]. Беэътибор донистани танга ҳамчун воситаи қонунии пардохт; аз муомилот баровардани танга.

**ДЕМОНТА́Ж**, [фр. demontage]. **1**. Ба қисмҳои алоҳида ҷудо кардани мошин, дастгоҳ, таҷҳизот, иншоот ва ғ.; баръакси *монтаж*. **2**. *маҷ*. Вайрон кардани (шудани) сохти муайяни давлатӣ ва идеологияи он.

**ДЕ́МОС**, [юн. demos халқ]. Дар Юнони Қадим – 1) халқи озод, ки аз тамоми ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ бархурдор буд, бар хилофи ғуломон; 2) авом; халқи одӣ (ғайри ашроф).

**ДЕ́МПИНГ**, [англ. dumping партофтан]. Аз мамлакат баровардан ва дар бозори хориҷӣ фурӯхтани мол бо нархи арзон (арзонтар аз нархи бозори дохилии худи ҳамон мамлакат) бо мақсади шикаст додани рақибон ва ба даст овардани бозори хориҷӣ.

**ДЕ́МПИНГ-СИНДРО́М**, [англ. dumping-syndrome]. *тиб*. Ҳисси гарониву пурӣ дар сари сина ё дилбеҳузурӣ баъди истеъмоли ғизо, арақи хунуки рӯй, хоболудӣ, чарх задани сар ва дилзанӣ дар бемороне, ки қисми зиёди меъдаи онҳо бурида гирифта шудааст (сабаби ин аз меъда ба рӯда зуд гузаштани ғизо мебошад).

**ДЕ́МПФЕР**, [ол. Dampfer]. *тех*. Лаппишнишон; асбоб барои кам ё нест кардани лаппишҳои зарарноки механикӣ дар мошину таҷҳизот ё баъзе асбобҳои мусиқӣ. || Мқс. амортизатор, бампер.

**ДЕМУЛТИПЛИКА́ТОР (ДЕМУЛЬТИПЛИКА́ТОР)**, [< лот. *de*…+ multiplicator афзункунанда]. *тех*. Асбоб барои зиёд намудани қувваи кашиши автомобил аз ҳисоби кам кардани суръати ҳаракати он.

**ДЕНАТУРАЛИЗА́ЦИЯ (ДЕНАТУРАЛИЗА́ТСИЯ),** [< лот. *de*…+ *натурализатсия*]. Маҳрумшавӣ аз ҳуқуқи шаҳрвандии ин ё он мамлакат; аз табаияти ин ё он мамлакат баромадани шаҳрванд; баръакси *натурализатсия*.

**ДЕНАТУРА́НТ**, [< *денатурат*]. Моддае, ки ба спирт илова илова мекунанд, то он барои нӯшидан номувофиқ шавад.

**ДЕНАТУРА́Т**, [< таҳрифшудаи лот. denaturatus аз хусусиятҳои табиияш маҳрумшуда]. Спирти техникӣ; спирте, ки ба он моддаҳои махсус (*денатурантҳо*) илова карда шудааст; бӯй ва таъми нохуш дорад; чун ҳалкунандаи локу рангҳо истифода мешавад.

**ДЕНАТСИОНАЛИЗА́ТСИЯ (ДЕНАЦИОНАЛИЗА́ЦИЯ)**, [< лот. *de*…+ *натсионализатсия*]. **1**. Ба шахсони алоҳида ё ба соҳибони пештараашон баргардондани молу мулки давлатӣ (ё пештар давлатикунондашуда), аз қабили корхонаҳои саноатӣ, бонкҳо, қитъаҳои замин, саҳмияҳо ва ғ. **2**. Аз байн рафтани хусусиятҳои миллӣ (фарҳанг, забон, урфу одат ва ғ.).

**ДЕ́НДИ**, [англ. dandy]. **1**. Шахси хушлибос, озодапӯш. **2**. *маҷ*. Олуфтасатанг.

**ДЕНДРА́РИЙ**, [< юн. dendron дарахт]. Боғи ботаникие, ки дар он бо мақсади гузарондани таҷрибаю озмоишҳои илмӣ дарахту буттаҳои гуногун кӯчат ва парвариш карда мешаванд; *арборетум* низ гӯянд.

**ДЕНДРИ́Т**, [< юн. dendron дарахт]. *анат*. Шохи ҳуҷайраи асаб, ки ба шохчаҳои сершумор тақсим мешавад.

**ДЕНДРО**…, [< юн. dendron дарахт]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки дарахтро ифода мекунад, мас., *дендрология*.

**ДЕНДРОЛО́ГИЯ**, [< *дендро…* + *…логия*]. *бот.* Дарахтшиносӣ; фасли ботаника, ки буттаю дарахтҳоро меомӯзад.

**ДЕНДРОМЕ́ТРИЯ**, [< *дендро…* + *…метрия*]. *бот.* Чен кардани зичии дарахту буттаҳо дар ҷангал.

**ДЕНДРО́Н**, [< юн. dendron дарахт]. *анат.* Шохаи протоплазмавии ҳуҷайраи асаб.

**ДЕНДРОПЛА́ЗМА**, [< *дендро…* + *…плазма*]. *анат.* Як қисми *ситоплазмаи неврон*, ки андаруни шохаҳои (*дендритҳои*) он қарор дорад.

**ДЕНДРОХРОНОЛО́ГИЯ**, [< *дендро…* + *…хронология*]. Дар асоси ҳалқаҳои кундаи дарахт муайян кардани умри дарахт, санаи ҳодисаҳои табиӣ ва ғ.

**ДЕНИТРИФИКА́ТСИЯ (ДЕНИТРИФИКА́ЦИЯ)**, [< *де…* + *…нитрификатсия*]. *хим.* Раванди биохимиявии таҷзияи пайвастҳои азотдор (*нитратҳо*) ва ҷудо шудани *азоти* озод. ‖ Мқс. нитрификатсия.

**ДЕНОМИНА́ТСИЯ (ДЕНОМИНА́ЦИЯ)**, [< *де…* + лот. nominatio номгӯй]. *мол.* Тағйир додани қимати аслии пули миллӣ бо мақсади осон шудани муомилот; ҳангоми Д. пулҳои пештар баровардашуда бо пулҳои нави калонтар иваз карда мешаванд; нархҳо, тарофаҳо, музди кор, бақияи маблағҳои пулиро бо назардошти ҳамин таносуб ҳисобу китоб мекунанд.

**ДЕНОНСА́ТСИЯ (ДЕНОНСА́ЦИЯ)**, [< лот. denuntiatio огоҳ кардан]. Изҳороти як давлат ба давлати дигар дар бораи бекор карда шудани ягон шартнома ё муоҳадаи байни онҳо; беэътибор дониста шудани ягон шартномаи байналхалқӣ. ‖ Мқс. вето, мораторий.

**ДЕНСИ́МЕТР**, [< лот. densus ғафс, ғализ + *…метр*]. *физ., тех.* Асбоб барои чен кардани ғафсии (ғализии) нисбии моеъ ё ҷисми сахт. ‖ Мқс. ареометр.

**ДЕНСИМЕ́ТРИЯ**, [< лот. densus ғафс, ғализ + *…метрия*]. *физ., тех.* Муайян кардани ғафсии (ғализии) нисбии моеъ ё ҷисми сахт.

**ДЕНТАЛӢ́**, [< лот. dens (dentis) дандон]. *збш.* Дандонӣ; овозҳои денталӣ – ҳамсадоҳое, ки ҳангоми ба дандонҳои болоӣ расондани қисми пеши забон пайдо мешаванд, мас.; «д», «з», «с», «т».

**ДЕНТ-АРТ**, [англ. dent art]. Оро додани дандонҳо бо сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё сунъӣ, тилло ё диг. металлҳои ҷилодиҳанда.

**ДЕНТИАТРИ́Я**, [< лот. dens (dentis) дандон + iatreia табобат]. *тиб.* Дандоншиносӣ; таълимот дар бораи бемориҳои дандон ва усулҳои табобати онҳо. ‖ Мқс. стоматология.

**ДЕНТИ́КУЛА**, [< лот. denticulus дандонак, дандонча]. *меъм.* Барҷастагии росткунҷаи нижвони (қоши) иморат.

**ДЕНТИ́Н**, [< лот. dens (dentis) дандон]. Бофтаи сахте, ки асоси устухони дандонро ташкил медиҳад.

**ДЕНУДА́ТСИЯ (ДЕНУДА́ЦИЯ)**, [< лот. denudatio бодлесшавӣ]. *геол.* Раванди вайроншавӣ ё бодлесшавии ҷинсҳои кӯҳӣ ва кӯчиши чангу хоки дар натиҷаи ин пайдошуда аз баландиҳо ба пастхамию чуқуриҳо, ки боиси тадриҷан ҳамвор шудани *релйеф* мегардад.

**ДЕ́НШИК (ДЕ́НЩИК)**, [< рус. день рӯз)]. **1**. Дар армия ва флоти Россияи подшоҳӣ – аскаре, ки ба афсар хизматгорӣ мекард. **2**. Умуман хизматгор.

**ДЕОНТОЛО́ГИЯ**, [< юн. deon зарурат + *…логия*]. **1**. *фалс.* Соҳаи илми ахлоқ (*этика*), ки масъалаҳои қарз, вазифадорӣ, ухдадории одамро меомӯзад; ин истилоҳро охири асри 18 файласуфи англис И. Бентам чун яке аз категорияҳои ахлоқ ҷорӣ намудааст. **2**. *тиб.* Таълимот дар бораи ахлоқ ва қоидаҳои рафтору муомилаи корманди тиб бо бемор.

**ДЕПАРТА́МЕНТ**, [фр. departament]. **1**. Воҳиди маъмурию ҳудудӣ дар Фаронса ва баъзе мамлакатҳои диг. **2**. Шуъба, раёсат дар баъзе ташкилотҳои байналмилалӣ (мас., дар СММ). **3**. Номи баъзе вазоратҳо дар ИМА, Швейтсария ва мамлакатҳои диг. (мас., Д.-и давлатӣ – вазорати корҳои хориҷӣ).

**ДЕПЕРСОНАЛИЗА́ТСИЯ (ДЕПЕРСОНАЛИЗА́ЦИЯ)**, [< *де…* + лот. persona шахсият]. Нест шудани ҳисси худшиносӣ дар одам; қадру қимати худро надонистан.

**ДЕПЕ́ША**, [фр. depeche]. **1**. *кӯҳна.* Барқия; *телеграмма*. **2**. Номаи таъҷилии дипломатӣ ё ҳарбӣ.

**ДЕПИГМЕНТА́ТСИЯ (ДЕПИГМЕНТА́ЦИЯ)**, [< *де…* + *пигментатсия*]. Ранги табиии худро гум кардани пӯст; паридани ранги пӯст.

**ДЕПИЛЯ́ТОР**, [< *депилятсия*]. **1**. Мӯчинак; асбоб барои нест кардан (кандан, чидан)-и мӯи бадан. **2**. Дору барои резондани мӯи бадан

**ДЕПИЛЯ́ТСИЯ (ДЕПИЛЯ́ЦИЯ)**, [< лот. depilare нест кардани мӯй]. Нест кардан (кандан, чидан)-и мӯи бадан.

**ДЕПО́**, [фр. depot анбор]. **1**. Ҷои ист ва таъмири локомотивҳо, вагонҳо трамвайҳо, мошинҳои сӯхторнишон ва ғ. || Мкс. ангар, гараж, парк, эллинг. **2**. *физиол.* Узвҳои одам ва ҳайвонот (мас., сипурз, ҷигар, пӯст), ки дар онҳо хуни бисёр ғун мешавад, асосан хуне, ки аз гардиши умумӣ бозмондааст.

**ДЕПОЗИ́Т**, [< лот. depositum чизи ба амонат додашуда]. *мол.* **1**. Амонат; маблағҳои пулӣ ё коғазҳои қиматнок (саҳмияҳо, вомбаргҳо ва ғ.), ки барои нигоҳдорӣ ба муассисаи кредитӣ (мас., ба бонк, кассаи амонатӣ) супурда мешаванд. **2**. Маблағҳои пулӣ ё коғазҳои қиматнок, ки барои ба қарздиҳанда додан ба муассисаи судӣ супурда мешаванд.

**ДЕПОЗИТА́РИЙ**, [фр. depositaire]. *мол.* **1**. Амонатгир; шахс ё муассисае, ки ба вай нигоҳдории пул, коғазҳои қиматнок, моликият бовар карда шудааст. **2**. Давлат ё

ташкилоти байналмилалие, ки нусхаи аслии шартномаи байналмилалиро нигоҳ медорад.

**ДЕПОЗИ́ТОР**, [< *депозит*]. *мол.* **1**. Амонатдор; амонатгузор; соҳиби *депозит*. **2**. Шахсе, ки пули ӯ дар вақташ бо сабабе аз тарафи корхона ё муассиса дода нашудааст.

**ДЕПОЛЯРИЗА́ТОР**, [< *деполяризатсия*]. *физ., хим*. Оксидкунандаи бақувват, ки барои кам кардани қутбиши (*поляризатсияи*) галваникӣ ба элементи галваникӣ ҳамроҳ карда мешавад

**ДЕПОЛЯРИЗА́ТСИЯ (ДЕПОЛЯРИЗА́ЦИЯ)**, [< *де…* + *поляризатсия*]. *физ., хим*. Кам кардани қутбиши (*поляризатсияи*) рӯшноӣ дар селаи рӯшноӣ ё қутбиши *галваникӣ*.

**ДЕПОНЕ́НТ**, [< лот. deponens амонатгузорӣ]. Ниг. *депозтор*.

**ДЕПОПУЛЯ́ТСИЯ (ДЕПОПУЛЯ́ЦИЯ)**, [< *де…* + *популятсия*]. Кам шудани шумораи аҳолӣ

**ДЕПО́РТ**, [фр. deport]. *тиҷ*. Паймони муҳлатнок дар биржаи коғазҳои қиматнок, ки аз ҷониби ҳаннотон бо мақсади паст кардани қурби коғазҳои қиматнок ва гирифтани фоида аз фарқияти қурб баста мешавад.

**ДЕПОРТА́ТСИЯ** (**ДЕПОРТА́ЦИЯ**), [< лот. deportatio бадарға кардан, пеш кардан, рондан]. Бадарға (пеш, берун) кардан аз мамлакат ҳамчун ҷазои маъмурӣ ё ҷиноятӣ.

**ДЕПРЕССА́НТҲО**, [< *депрессия* + пасв. -ант]. **1**. *геол*. Моддаҳое, ки ҳангоми бо об тоза кардани минерал (*флотатсия*) истифода бурда мешаванд; Д. барои рӯи об баровардани баъзе минералҳо ва тахшин шудани минералҳои дигар ёрӣ мерасонанд. **2**. *тиб*. Доруҳое, ки изтиробу ҳаяҷони рӯҳиро фурӯ менишонанд. || Мқс. антидепрессантҳо.

**ДЕПРЕ́ССИЯ[1]**, [< лот. depressus паст]. *геол., геог*. **1**. Пастӣ; қисми хушкӣ, ки пасттар аз сатҳи уқёнус воқеъ гаштааст. **2**. Минтақаи фишори атмосфериаш паст, *сиклон*.

**ДЕПРЕ́ССИЯ[2]**, [< лот. depressere фурӯнишонӣ, паст кардан]. **1**. *тиб*. Рӯҳафтодагӣ; афсурдаҳолӣ. || Мқс. абулия, апатия. **2**. *иқт*. Таназзул; касодӣ.

**ДЕПУТА́Т**, [< лот. deputatus фиристода, ваколатдор]. **1**. Вакил; намоянда; намояндаи (вакили) аҳолӣ, ҳизби сиёсӣ дар мақоми интихобии доимо амалкунандаи ҳокимият. **2**. Шахсе, ки барои иҷрои ягон супориш, кор вакил интихоб шудааст.

**ДЕПУТА́ТСИЯ (ДЕПУТА́ЦИЯ)**, [< *депутат*]. Гурӯҳи шахсоне, ки маҷлис ё ташкилот барои иҷрои ягон кор, супориш ё ҳалли ягон масъала вакил интихоб намудааст.

**ДЕРАПА́Ж**, [фр. derapage]. Лағжидани қисми ақиби мошин ҳангоми ҳаракат дар роҳи яхбаста.

**ДЕРАТИЗА́ТСИЯ (ДЕРАТИЗА́ЦИЯ)**, [фр. deratisation < rat калламуш]. Мушкушӣ; қир кардани муш, калламуш ва дигар ҳайвонҳои хоянда, ки паҳнкунандагони бемориҳои сироятӣ мебошанд ва ба хоҷагиҳо зарари калони иқтисодӣ меоранд.

**ДЕ́РБИ**, [англ. derby – аз номи лорди англис А. Дерби, ки соли 1778 аввалин маротиба ин намуди пойгаро ташкил намудааст]. *варз.* **1**. Пойгаи аспҳои сесолаи бидав (таковар). **2**. Пойгаи аспҳои чорсолаи резачорпо.

**ДЕРИВА́Т**, [лот. derivatus]. **1**. Ҳосил, маҳсул; натиҷа; чизе, ки аз чизи дигар пайдо шудааст. **2**. *збш.* Калимаи муштақ; калимае, ки аз калимаи дигар пайдо шудааст. **3**. *геол.* Моддаи моеъ ё газшакле, ки дар зинаи охирини таҷзияи тафта (*магма*) ҳосил мешавад.

**ДЕРИВА́ТСИЯ (ДЕРИВА́ЦИЯ)**, [лот. derivatio ҷорӣ кардан]. **1**. Дигар кардани маҷрои дарё; ба воситаи канал, қубур ва ғ. ҷорӣ кардани оби дарё ё обанбор ба тарафи дигар. **2**. Ҳангоми парвоз ба тарафе майл кардани тир. **3**. *збш.* Калимасозӣ; аз калимаҳои дар забон мавҷудбуда сохтани калимаҳои нав, мас., китоб – китобдор – китобхона - китобат.

**ДЕ́РМА**, [< юн. derma пӯст]. *физиол.* Қисми пӯсти одам ва ҳайвонҳои муҳрадор, ки дар зери *эпидермис* (пӯстпарда) ҷой гирифтааст; аз ду қабат – болоӣ ва поёнӣ иборат аст; кориум ё кутис низ гӯянд.

**ДЕРМАТИ́Н**, [< *дерма*]. Як навъ чарми сунъӣ, ки барои рӯйкаш кардани дар, мебел, муқовасозӣ ва ғ. ба кор меравад. || Мқс. коленкор, лидерин.

**ДЕРМАТИ́Т**, [< *дерма*]. *тиб.* Газаки пӯст; як навъ бемории пӯст, ки аз таъсири ангезаҳои берунӣ ба вуҷуд меояд. || Мқс. дерматоз, ксероз.

**ДЕРМАТО**..., [< *дерма*]. Қисми таркибии калимаҳои мураккаб, ки ба пӯст, бемориҳои пӯст ишора мекунад, мас., *дерматоз, дерматология*.

**ДЕРМАТОГЛИ́ФИКА**, [< *дермато*... + glyphe нақш]. Илме, ки хатҳои пӯсти бадан ва кафу ангуштони дасту пои одамонро меомӯзад (хатҳои мазкур комилан инфиродӣ буда, то охири умр бетағйир мемонанд); маълумоти Д. дар *антропология* ва *криминалистика* истифода мешаванд. || Мқс. дактилоскопия.

**ДЕРМАТОДИСПЛАЗИ́Я**, [< *дермато*... + *дисплазия*]. *тиб.* Сабзиши нодурусти пӯст.

**ДЕРМАТО́З**, [< *дерма*]. *тиб.* Истилоҳи умумӣ барои ифода кардани ҳама гуна бемориҳои пӯст, мӯй ва нохун.

**ДЕРМАТОЗО́А**, [лот. dermatozoa]. *физиол.* Ангалҳои (*паразитҳои*) пӯст.

**ДЕРМАТОЗООНО́З**, [лот. dermatozonoses]. *тиб.* Бемориҳои пӯст, ки ҷонварони ангал (муфтхӯр, *паразит*) меангезанд.

**ДЕРМАТОКОНИО́З**, [лот. dermatoconiosis]. *тиб.* Бемории касбии пӯст, ки дар натиҷаи ба мағзи пӯст даромадани чангу ғубор пайдо мешавад.

**ДЕРМАТО́ЛИЗ**, [лот. dermatolysis]. *тиб.* Пурчинии модарзоди пӯст.

**ДЕРМАТО́ЛОГ**, [< *дерматология*]. *тиб.* Табиби бемориҳои пӯст; мутахассиси *дерматология*.

**ДЕРМАТОЛО́ГИЯ**, [< *дермато…* + logos илм]. *тиб*. Пӯстшиносӣ; соҳаи тиб, ки сохту вазифаҳои пӯст, сабабҳо, ташхис ва табобати бемориҳои пӯст ва мӯю нохунро меомӯзад.

**ДЕРМАТО́МА**, [лот. dermatoma]. *тиб*. Омоси пӯст.

**ДЕРМАТОМИКО́ЗҲО**, [< *дермато…* + *микозҳо*]. *тиб*. Гурӯҳи бемориҳои пӯст, ки барангезандагонашон замбурӯғҳои бемориовари ришташакл – *дерматомисетҳо* мебошанд. || Мқс. микроспория.

**ДЕРМАТОМИСЕ́Т (ДЕРМАТОМИЦЕ́Т)**, [< *дермато…* + юн. mykes занбӯруғ]. *тиб*. Номи умумии занбӯруғҳои ангале, ки дар пӯст, мӯй ва нохунҳо зиндагӣ карда, ба онҳо осеб мерасонанд.

**ДЕРМАТОПАТОЛО́ГИЯ**, [< *дермато…* + *патология*]. *тиб*. Бемории бофтаҳои пӯст.

**ДЕРМАТОПЛА́СТИКА**, [< *дермато…* + *пластика*]. *тиб*. Тармими пӯст баҳри ислоҳи нуқсони он.

**ДЕРМАТОСКЛЕРО́З**, [< *дермато…* + *склероз*]. *тиб*. Сахту дурушт шудани пӯст.

**ДЕРМАТОСТОМАТИ́Т**, [< *дермато…* + *стомати*]. *тиб*. Бемории сироятии пӯст, ки бо табларза, дамидани доначаҳо, баландшавии ҳарорати бадан, *стоматит, конъюнктивит, ринит* ва илтиҳоби луобпардаи узвҳои диг. пайдо мешавад.

**ДЕРМОГРАФИ́ЗМ**, [< *дерма* + grapho менависам]. *тиб*. Сурх ё сафед шудани ранги пӯст ё варам кардани он бо таъсири ангезиши механикӣ.

**ДЕРМОРЕА́КСИЯ (ДЕРМОРЕА́КЦИЯ)**, [< *дерма* + *реаксия*]. *тиб*. Вокуниши пӯст ба ангезаҳои гуногун.

**ДЕРМЭКТАЗИ́Я**, [лот. dermectasia]. *тиб*. Ёзида халта шудани пӯст.

**ДЕРОГА́ТСИЯ (ДЕРОГА́ЦИЯ)**, [< лот. derogatio]. *ҳуқ*. Қисман бекор кардани қонуни кӯҳна. || Мқс. аболитсия, аброгатсия.

**ДЕ́РРИК, ДЕ́РРИК-КРАН**, [англ. derrick, derrick crane]. *тех*. *Крани* борбардоре, ки аз тир ва сутуни (манораи) тобхӯранда иборат аст.

**ДЕСА́НТ**, [фр. descente партофтан, фуровардан]. *ҳарб*. **1**. Ба мавқеи душман аз киштӣ ё ҳавопаймо фуровардани лашкар барои иҷрои амалиёти ҳарбӣ. **2**. Гурӯҳи ҷанговарон ва техникаи ҳарбие, ки ба мавқеи душман фуроварда шудаанд.

**ДЕСЕГРЕГА́ТСИЯ (ДЕСЕГРЕГА́ЦИЯ)**, [< *de…* + segregation ҷудокунӣ]. Барҳам додани табъизи нажодӣ; бекор кардани қонунҳое, ки аҳолиро ба нажодҳо ҷудо мекунанд.

**ДЕСЕМВИ́Р (ДЕЦЕМВИ́Р)**, [< лот. decem даҳ + vir мард]. *таър*. **1**. *Коллегияи* ҳукуматӣ дар Рими Қадим, ки аз 10 нафар иборат буд ва номаш аз ҳамин ҷост. **2**. Узви ҳамин *коллегия*.

**ДЕСЕ́РТ**, [фр. dessert < лот. desservir ғундоштан аз болои миз, ғундоштани дастурхон]. Меваҷоту шираворе, ки дар охири таомхӯрӣ ба дастурхон гузошта мешавад.

**ДЕСИ... (ДЕЦИ...)**, [< лот. decem даҳ]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки даҳяки ягон воҳиди ченакро ифода мекунад (мас., детсиметр – 0,1 метр).

**ДЕСИБЕ́Л (ДЕЦИБЕ́Л)**, [< *детси...* + *бел*]. Даҳяки *бел* (ниг. *бел*).

**ДЕСИКА́НТҲО**, [< лот. *десикатсия*]. *хим., кшв.* Доруҳои химиявӣ барои хушкондани растанӣ пеш аз ғундоштани ҳосил.

**ДЕСИКА́ТСИЯ (ДЕСИКА́ЦИЯ)**, [< лот. desicco мехушконам]. *кшв.* Пеш аз ғундоштани ҳосил бо доруҳои химиявӣ (*десикантҳо*) хушкондани растанӣ (бо мақсади зудтар пазондани ҳосил ва осон кардани ғунучини мошинӣ). || Мқс. дефолиатсия.

**ДЕСИ́МА (ДЕЦИ́МА)**, [< лот. decem даҳ]. **1**. *мус.* Дараҷаи даҳуми *гаммаи* диатонӣ (ниг. *диатоника*). **2**. *адш.* Шеъре, ки аз даҳ мисраъ иборат бошад.

**ДЕСИНХРОНО́З**, [< лот. desynchronosis]. *физиол.*, *тиб.* Тағйир ёфтани функсияҳои физиологӣ ва рӯҳии организм дар натиҷаи вайроншавии низоми хобу бедорӣ ва ғизогирӣ.

**ДЕСКВАМА́ТСИЯ (ДЕСКВАМА́ЦИЯ)**, [< лот. desquamare пӯст мепартоям]. **1**. *физиол.*, *тиб.* Пӯстпартоӣ. **2**. *геол.* Қабат-қабат ҷудо шудани ҷинсҳои кӯҳӣ дар натиҷаи якбора тағйир ёфтани ҳарорат (асосан дар биёбонҳо ва баландкӯҳҳо).

**ДЕСКРИ́ПСИЯ (ДЕСКРИ́ПЦИЯ)**, [< лот. describdere тавсиф мекунам]. *збш.* Калима ё иборае, ки ба ҷои номи ашё ё объект истифода мешавад.

**ДЕСКРИ́ПТОР**, [лот. descriptor]. *збш., инф.* Калима ё ибораи забони иттилоотӣ-ҷустуҷӯӣ, ки муҳтавои асосии ин ё он матнро ифода мекунад; барои пайдо кардани ҳуҷҷатҳо аз системаи иттилоотӣ-ҷустуҷӯӣ истифода мешавад.

**ДЕСКТО́П**, [< англ. desktop рӯимизӣ]. **1**. Компютери шахсии рӯимизӣ. **2**. Равзанаи асосии муҳити графикии истифодабарандаи компютер; мизи кории компютер.

**ДЕСМОЛА́ЗА**, [< лот. desmos пайвандак]. *биол., хим. Ферменте*, ки пайвастҳои органикиро бо роҳи аз ҳам гусастани пайвандакҳои байни атомҳои карбон таҷзия менамояд.

**ДЕСМО́ЛИЗ**, [< лот. desmos пайвандак + lysis ҳал кардан, вайрон кардан]. *биол., хим.* Таҷзия шудани пайвастҳои органикӣ дар бофтаҳо бо таъсири *десмолаза*.

**ДЕСМОСО́МА**, [< лот. desmos пайвандак + soma тана]. *физиол.* Пайвандаке, ки бофтаҳои ҳайвонотро бо якдигар пайваст мекунад.

**ДЕСМУРГИ́Я**, [< лот. desmos бандина + ergon кор]. *тиб.* Соҳаи тиб, ки усулҳои ҷароҳатбандиро меомӯзад.

**ДЕСО́РБЦИЯ** (**ДЕСО́РБСИЯ**), [< *де… + сорбсия*]. *хим., тех*. Аз моеъҳо ё ҷисмҳои сахт дур кардани моддаҳои ҳангоми *абсорбсия* ё *адсорбсия* ҷаббидашуда (баръакси *сорбсия*). || Мқс. резорбсия.

**ДЕ́СПОТ**, [< юн. despotes амир, ҳоким, ҷаноб]. **1**. Ҳокими мустабид. **2**. *маҷ*. Шахси худсар, золим, ситамгар. || Мқс. диктатор, тиран.

**ДЕСПОТИ́ЗМ**, [< *деспот*]. **1**. Ҳокимияте, ки ба зулму истибдод асос ёфтааст. **2**. *маҷ*. Худсарӣ, золимӣ, ситамгарӣ.

**ДЕСПОТИ́Я**, [< *деспот*]. Ҳокимияти мутлақа; давлатдории мустабидона.

**ДЕСТАБИЛИЗА́ЦИЯ** (**ДЕСТАБИЛИЗА́ТСИЯ**), [< *де… + стабилизатсия*]. Ноустувор кардан; муташанниҷ гардондан; баръакси *стабилизатсия*.

**ДЕСТРУ́КСИЯ** (**ДЕСТРУ́КЦИЯ**), [лот. destructio]. Хароб кардан; тахриб; вайрон кардани сохти ягон чиз; Д.-и полимерҳо – вайрон кардани сохти молекулаҳои *полимерҳо* бо таъсири гармӣ, рӯшноӣ ва ғ.

**ДЕСТРУКТИВӢ**, [< лот. destructio]. Вайронкунанда; харобкунанда; абгоркунанда; табоҳкор; вайронкор; тахрибгар; қувваҳои Д. – қувваҳои сиёсие, ки барои вайрон кардани сохти ҷамъиятӣ ва ба даст овардани ҳокимият кӯшиш мекунанд.

**ДЕСУБЛИМА́ЦИЯ** (**ДЕСУБЛИМА́ТСИЯ**), [< *де… + сублиматсия*]. *тех*. Якбора ба моддаи сахт табдил ёфтани моддаи газшакл (бидуни гузаштан ба ҳолати моеъ); баръакси *сублиматсия*.

**ДЕСУЛФУРА́ТСИЯ** (**ДЕСУЛЬФУРА́ЦИЯ**), [< *де… + сулфур*]. *хим*. Бесулфургардонӣ; дур кардани сулфур аз гудохтаи пӯлод, чӯян, металлҳои ранга ва баъзе пайвастҳои химиявӣ.

**ДЕСЮДЕПО́РТ**, [фр. dessus de porte дар болои дар]. Лавҳаи мунаққаш (*панно*)-и болодарӣ; расми калоне, ки дар болои дар часпонда мешавад.

**ДЕСЯТИ́НА**, [< рус. десять даҳ]. **1**. Дар Россияи тоинқилобӣ – воҳиди масоҳати замин, ки ба 4 таноб ё 1,09 гектар баробар аст. **2**. Ушр; даҳяк.

**ДЕСЯ́ТНИК**, [< рус. десять даҳ]. Даҳбошӣ.

**ДЕТА́Л** (**ДЕТА́ЛЬ**), [фр. detail]. **1**. Тафсилот; ҷузъиёт. **2**. Ҷузъи ягон мошин, таҷҳизот, асбоб ва ғ.

**ДЕТАЛИЗА́ТСИЯ** (**ДЕТАЛИЗА́ЦИЯ**), [< фр. detail]. Тафсил; чизеро муфассал (бо тамоми ҷузъиёт) таҳия, таҳлил, баён кардан.

**ДЕТА́НДЕР**, [< лот. detendere суст кардан]. *тех*. **1**. Сарпӯшак (*клапан*) барои паст кардани фишори буғ. || Мқс. редуктор. **2**. Газхунуккунак; мошин барои хунук кардани газ. || Мқс. градирня.

**ДЕТА́НТ**, [< лот. detendere суст кардан]. *сиёс*. Паст гардидани шиддати муносибатҳои байналхалқӣ.

**ДЕТЕКТАФО́Н**, [< лот. *детектор* + юн. ...*фон*]. Асбоби микрофондор барои пинҳонӣ гӯш кардани суҳбат.

**ДЕТЕКТИ́В**, [< лот. detectus ошкоршуда]. **1**. Гумоштаи махфӣ; муфаттиши махфӣ; мутахассиси тафтиши ҷиноятҳо, ки одатан махфӣ кор мекунад. || Мқс. шпик. **2**. Асари бадеӣ, ҳуҷҷатӣ ё филме, ки дар он рафти ошкорсозии сир ё ҷинояти мураккаб тасвир карда мешавад.

**ДЕТЕ́КТОР**, [< лот. detegere ёфтан, ошкор намудан]. *физ., тех.***1**. Асбоб барои ошкор намудани афканишоти радиоактивӣ ё гармӣ, инчунин зарраҳои гуногун (*алфа-зарраҳо, бета-зарраҳо, нейтронҳо* ва ғ.). **2**. Асбоб барои ҷудо кардани лаппишҳои пастбасомад аз лаппишҳои баландбасомади модулятсияшуда (ниг. *модулятсия*); бештар дар радиотехника истифода мешавад. **3**. Д е т е к т о р и д у р ӯ ғ – асбобе, ки бо ёрии он рост ё дурӯғ будани ҷавобро муайян мекунанд; *полиграф* низ гӯянд.

**ДЕТЕРМИНА́НТ**, [< лот. determinans муайянкунанда]. *мат*. Муайянкунанда; ифодаи математикие, ки аз рӯи қоидаи муайян аз ададҳои $n^2$ (яъне аз унсурҳои *матритса*) тартиб дода шудааст; барои ҳал ва тадқиқ намудани системаи муодилаҳои алгебравии дараҷаи 1-ум истифода мешавад.

**ДЕТЕРМИНАТИ́В**, [< лот. determinans муайянкунанда]. *збш*. **1**. Аломати махсуси иловагӣ ва ёрирасон дар хати идеографӣ, ки барои саҳеҳтар хондани аломати асосӣ хизмат мекунад. **2**. Пасванд; пасоянд; ҳиссаи калима, ки баъд аз реша меояд ва маънои онро тағйир медиҳад.

**ДЕТЕРМИНИ́ЗМ**, [< лот. determinare муайян кардан]. *фалс*. Таълимоти фалсафӣ дар бораи қонунияту сабабҳои тамоми ҳодисаҳои табиат ва ҷамъият; баръакси *индетерминизм*.

**ДЕТОНА́ТОР**, [< лот. detonare таркидан]. Тарконанда; моддаи таркандае, ки бо таркиши худ боиси таркидани (*детонатсияи*) моддаи дигар мегардад.

**ДЕТОНА́ТСИЯ (ДЕТОНА́ЦИЯ)[1],** [< лот. detonare таркидан]. **1**. Таркиши моддаи тарканда дар натиҷаи таркиши моддаи дигар (*детонатор*); бо суръати фавқуссадо паҳн шуда, аз худ энергияи ниҳоят зиёд ҷудо мекунад. **2**. Сӯзиши аз ҳад зиёд тези сӯзишворӣ дар *силиндри* муҳаррики дарунсӯз.

**ДЕТОНА́ТСИЯ (ДЕТОНА́ЦИЯ)[2],** [< фр. detonner ноҷӯр сурудан]. Ноҷӯрии оҳанг ҳангоми иҷрои асари мусиқӣ.

**ДЕТОНИ́ТҲО**, [< лот. detonare таркидан]. Моддаҳои таркандаи аммиакию селитрӣ, ки 6 – 15% аз *нитроглитсерин* иборатанд; барои таркондани ҷинсҳои сахти кӯҳӣ истифода мешаванд.

**ДЕТОНО́МЕТР**, [< лот. detonare таркидан + ...*метр*]. *тех*. Асбоб барои муайян кардани *детонатсия* дар *силиндри* муҳаррики дарунсӯз.

**ДЕТРИ́Т**, [< лот. detritus кӯҳнашуда]. **1**. *тиб*. Маҳсули вайроншавии бофтаҳои мурда. **2**. *геол*. Моддаи органикии дар об ҳалнашудае, ки аз қисмҳои бадани ҳайвонот ва

танаи растаниҳо, инчунин аз садафпораҳо ва устухонҳои организмҳои мурда иборат аст.

**ДЕТРИТОФА́ГҲО**, [< *детрит* + ...*фагҳо*]. Детритхӯрҳо; ҷонварони обие, ки ғизои асосиашон *детрит* мебошад.

**ДЕ-ФА́КТО**, [лот. de facto амалан]. *ҳуқ*. Дар ҳақиқат; ҳақиқатан; чизи ҳақиқатан вуҷуддошта, вале ба таври ҳуқуқӣ ба расмият надаромада; дар ҳуқуқи байналмилалӣ – яке аз шаклҳои эътирофи ҳуқуқи ин ё он давлат, ки маънои нопурра ба расмият шинохтани онро ифода мекунад. || Мқс. де-юре.

**ДЕФЕКА́Т**, [< лот. defaecatum тоза кардан]. Партови корхонаҳое, ки аз лаблабу қанд истеҳсол менамоянд; ҳангоми *дефекатсия* (ба маънои 2-юм) ҳосил шуда, асосан аз оҳак иборат аст; дар кишоварзӣ ҳамчун нурӣ истифода мебаранд.

**ДЕФЕКА́ТСИЯ (ДЕФЕКА́ЦИЯ)**, [< лот. defaecatum тоза кардан]. **1**. Ихроҷи наҷосат; қазои ҳоҷат; аз организм хориҷ шудани пасмондаҳои ҳазмнашудаи хӯрок. **2**. Тоза кардани шираи хоми лаблабу аз омехтаҳои бегона бо ёрии оҳак ва ангидриди карбон.

**ДЕФЕКТ**, [лот. defectus]. Нуқсон, иллат, кабудӣ, айб.

**ДЕФЕКТО́ЛОГ**, [< лот. *дефектология*]. Нуқсоншинос; мутахассиси соҳаи *дефектология*.

**ДЕФЕКТОЛО́ГИЯ**, [< *дефект* + ...*логия*]. Илме, ки қонуният ва хусусиятҳои инкишофи кӯдакони дорои нуқсонҳои ҷисмонӣ ва рӯҳӣ, инчунин масъалаҳои таълиму тарбияи онҳоро меомӯзад; соҳаҳои Д.; *логопедия, сурдопедагогика, тифлопедагогика*.

**ДЕФЕКТОСКО́П**, [< *дефектоскопия*]. Нуқсбин; асбоб барои ошкор намудани нуқсонҳои маҳсулот ва маснуот.

**ДЕФЕКТОСКОПИ́Я**, [< *дефект* + юн.*...скопия*]. Маҷмуи усулҳои ошкорсозии нуқсонҳои ба чашм ноаёни масолеҳу маснуот бо ёрии ултра-садо, нури рентгенӣ, магнит ва ғ.

**ДЕФЕРЕ́НТ**, [< лот. deferens баранда, ҳаракатдиҳанда]. *астр.* Дар системаи *геосентрии* Батлимус (Птоломей) ва системаи *гелиосентрии* Коперник доирае, ки барои фаҳмондани ҳаракати сайёраҳо истифода мешуд; ба ақидаи Батлимус, дар маркази ин доира, яъне Д., Замин ҷойгир шудааст ва сайёраҳои дигар дар гирди он давр мезананд, ба ақидаи Коперник бошад, дар маркази доираи мазкур Офтоб ҷойгир шудааст.

**ДЕФЕРРИЗА́ТСИЯ (ДЕФЕРРИЗА́ЦИЯ)**, [< лот. *де*... + ferrum оҳан]. *хим.* Аз намакҳои оҳан тоза кардани об.

**ДЕФИБРЕ́Р**, [< лот. *де*... + fibra тор, нах]. *тех*. Чӯбрезакунак.

**ДЕФИБРИЛЛЯ́ТОР**, [< лот. *де…* + fibra тор]. *тиб.* Асбоб барои бартарафсозии ларзиши торҳои мушаки дил (*миокард*) ва барқарор намудани фаъолияти муназзами он.

**ДЕФИБРИЛЛЯ́ТСИЯ (ДЕФИБРИЛЛЯ́ЦИЯ)**, [< лот. *де…* + fibra тор]. *тиб.* Бартараф намудани ларзиши торҳои мушаки дил (*миокард*) ба воситаи импулси электрикии кӯтоҳмуддат.

**ДЕФИЛЕ́**, [< фр. defiler гузаштан]. **1**. *ҳарб.* Ҷарӣ, тангно дар байни кӯҳ ё ботлоқ, ки одатан барои нигоҳ доштани ҳуҷуми душман истифода бурда мешавад. **2**. Намоиши либоси мӯд дар *подиум*.

**ДЕФИНИ́ТСИЯ (ДЕФИНИ́ЦИЯ)**, [< лот. definitio муайян кардан]. Тафсири маънои ин ё он мафҳум ё калимаи ношинос бо ёрии мафҳумҳо ё калимаҳои шинос.

**ДЕФИ́С**, [< лот. divisio ҷудо кардан]. Нимтире; хатчаи кӯтоҳ (-) барои ҷудо кардани қисмҳои калима дар вақти аз як сатр ба сатри дигар гузарондани қисми калима ё барои муттаҳид кардани қисмҳои калимаи мураккаб (мас., «англисӣ-тоҷикӣ», «ким-кӣ»).

**ДЕФИСИ́Т (ДЕФИЦИ́Т)**, [< лот. deficit намерасад]. **1**. *мол.* Каср; зиён; зарар; назар ба даромад зиёд шудани харочот; Д.-и буҷет – касри буҷет. **2**. Камчинӣ; камёбӣ; нокофӣ будани чизе; нарасидани ин ё он мол бо сабаби афзоиши талабот.

**ДЕФЛЕГМА́ТОР**, [< *дефлегматсия*]. *тех.* Таҷҳизот барои хунук ва ҷудо кардани омехтаҳои газ ва буғ ҳангоми тақтир (*дистиллятсия*).

**ДЕФЛЕГМА́ТСИЯ (ДЕФЛЕГМА́ЦИЯ)**, [< лот. *де…* + phlegma рутубат, намӣ]. *тех.* *Конденсатсияи* (аз ҳолати буғ ё газ ба ҳолати моеъ гузарондани) омехтаҳои буғу газҳои гуногун.

**ДЕФЛЕ́КТОР**, [< лот. deflectere ба тарафи дигар равон кардан]. **1**. Асбоб дар қисми берунии ғӯлба ё шахта, инчунин дар тирезаи ошхонаҳо барои берун кашидани ҳаво. **2**. Асбоб барои чен ва бартараф кардани девиатсияи (ба дигар сӯ майл кардани) қутбнамои магнитӣ. **3**. Таҷҳизот барои тағйир додани самти ҷараёни газҳо, моеот, маводи пошхӯранда, мавҷҳои овоз.

**ДЕФЛОРА́ТСИЯ (ДЕФЛОРА́ЦИЯ)**, [< лот. defloratio кандани гул]. Маҳрумшавӣ аз бакорат.

**ДЕФЛЯ́ТСИЯ (ДЕФЛЯ́ЦИЯ)**, [< лот. deflatio пуф кардан]. **1**. *мол.* Ба таври сунъӣ аз муомилот гирифтани як қисми пулҳои изофа бо мақсади баланд бардоштани қурби он ва паст кардани сатҳи таваррум. **2**. *геол.* Бодлесшавӣ; аз таъсири бод вайрон ва пароканда шудани ҷинсҳои кӯҳӣ ва хок. || Мкс. коррозия, эрозия.

**ДЕФОЛИА́НТҲО**, [< лот. *де…* + folium барг]. *кшв., хим.* Доруҳои химиявӣ барои резондани барги растанӣ (асосан пахта).

**ДЕФОЛИА́ТСИЯ (ДЕФОЛИА́ЦИЯ)**, [< лот. *де…* + folium барг]. *кшв.* Баргрезонӣ; бо доруҳои химиявӣ резондани барги растанӣ (асосан пахта) бо мақсади осон кардани ҳосилғундории мошинӣ. || Мқс. десикатсия.

**ДЕФО́ЛТ**, [англ. default]. *мол., иқт.* Қодир набудани давлат ба иҷрои уҳдадориҳои шартномавӣ; қарзҳои хориҷии худро дода натавонистани (ё додан нахостани) давлат.

**ДЕФОРМА́ТСИЯ (ДЕФОРМА́ЦИЯ)**, [< лот. deformatio тағйири шакл]. **1**. Шаклвайронӣ; дигаршавии шакл; таҳриф; тағйир ёфтани андоза ва шакли ҷисм бо таъсири омилҳои беруна бе тағйирёбии массаи он. **2**. *маҷ.* Таҳрифи номатлуби ягон хусусият, тасаввурот, мафҳум; тағйирёбии моҳияти ягон чиз; Д.-и шуур – дарки мунҳарифи воқеият.

**ДЕФОСФОРА́ТСИЯ (ДЕФОСФОРА́ЦИЯ)**, [< *де…* + *фосфор*]. *хим., физ.* Дур кардани фосфор аз чӯян, пӯлод ва металлҳои дигари гудохта.

**ДЕФРАГМЕНТА́ТСИЯ (ДЕФРАГМЕНТА́ЦИЯ)**, [англ. defagmentation]. *инф.* Ба тартиб овардани тақсимоти хотира дар қурси (диски) сахт (*винчестер*).

**ДЕФРОСТА́ТСИЯ (ДЕФРОСТА́ЦИЯ)**, [< *де…* + англ. frost хунукӣ]. Об кардани яхи маҳсулоти хӯрокворӣ (гӯшт, моҳӣ ва ғ.).

**ДЕФРО́СТЕР**, [< *дефростация*]. *тех.* **1**. Хоначаи (*камераи*) махсуси яхдон барои зуд об кардани яхи маҳсулоти хӯрокворӣ. **2**. Асбоб барои пуф кардани ҳавои гарм ба шишаи пеши автомобил бо мақсади пешгирии яхбандии он.

**ДЕ́ША**, [< ҳинд. қад.]. Мамлакат, вилоят дар Ҳиндустони Қадим.

**ДЕШИФРА́ТОР**, [< фр. dechiffrer]. *инф.* Рамзкушо; асбоби электронӣ барои кушодан ва хондани хабарҳое, ки бо сигналҳои шартӣ (рамзҳо) фиристода шудаанд; дар радиотехника, компютерҳо, телемеханика, алоқаи электронӣ ва ғ. истифода мешавад. || Мқс. декодер.

**ДЕШИФРО́ВКА**, [< фр. dechiffrer]. *инф.* **1**. Хондан ва фаҳмидани маънои матни бо рамзҳо навишташуда ё хати мушкилхони қадима. **2**. Ба забони асбоби қабулкунанда баргардондани иттилооти электронӣ.

**ДЕЭТИМОЛОГИЗА́ТСИЯ (ДЕЭТИМОЛОГИЗА́ЦИЯ)**, [< *де…* + *этимология*]. Маънои аслии этимологии худро гум карда, маъно ё тобиши нав гирифтани калима, мас., дар заб. русӣ – «спасибо» аз «спаси Боже».

**ДЕ-Ю́РЕ**, [лот. de jure аз рӯи ҳуқуқ]. *ҳуқ.* Аз рӯи ҳуқуқ; аз ҷиҳати юридикӣ; расман; дар ҳуқуқи байналмилалӣ – эътирофи пурра ва расмии давлат ё ҳукумат; баръакси *де-факто*.

**ДЖАЗ**, [англ. jazz]. Ниг. *ҷаз.*

**ДЖАЗ-БАНД**, [англ. jazz-band]. Ниг. *ҷаз-банд.*

**ДЖАЗМЕ́Н**, [англ. jazz-man < jazz + man одам]. Ниг. *ҷазмен.*

**ДЖАЗ-РОК**, [англ. jazz-rock]. Ниг. *ҷаз-рок*.

**ДЖАКУ́ЗИ**, [англ. jacuzzi]. *Ниг. ҷакузи*.

**ДЖАНК, ДЖАНК-АРТ**, [англ. junk пайваст кардан + art санъат]. Ниг. *ҷанк, ҷанк-арт*.

**ДЖЕК-ПОТ**, [англ. jack-pot]. Ниг. *ҷек-пот*.

**ДЖЕМ**, [англ. jam < to jam фишурдан]. Ниг. *ҷем*.

**ДЖЕ́МПЕР**, [англ. jumper]. Ниг. *ҷемпер*.

**ДЖЕМСОНИ́Т**, [англ. jamesonite]. Ниг. *ҷемсонит*.

**ДЖЕ́НТЛМЕ́Н (ДЖЕ́НТЛЬМЕ́Н)**, [англ. gentleman]. Ниг. *ҷентлмен*.

**ДЖЕ́НТРИ**, [англ. gentry]. Ниг. *ҷентри*.

**ДЖЕРСИ**, [англ. jersey – аз номи ҷазираи Ҷерси]. Ниг. *ҷерси*.

**ДЖИ́ГА**, [англ. jig]. Ниг. *ҷига*.

**ДЖИМ КРО́У**, [англ. Jim Crow Ҷими Зоғ]. Ниг. *Ҷим Кроу*.

**ДЖИМКРОУИ́ЗМ,** [< англ. Jim Crow Ҷими Зоғ]. Ниг. *ҷимкроуизм*.

**ДЖИН**, [англ. gin]. Ниг. *ҷин*.

**ДЖИ́НГО**, [англ. jingo]. Ниг. *ҷинго*.

**ДЖИНС**, [англ. jeans < Jenon Генуя]. Ниг. *ҷинс*.

**ДЖИП**, [англ. jeep]. Ниг. *ҷип*.

**ДЖИУ-ДЖИ́ТСУ**, [яп.]. Ниг. *ҷиу-ҷитсу*.

**ДЖО́ББЕР**, [англ. jobber]. *тиҷ*. Ниг. *ҷоббер*.

**ДЖО́ГГИНГ**, [англ. jogging]. *варз.* Ниг. *ҷоггинг*.

**ДЖО́ЙСТИК**, [англ. joystick]. *инф*. Ниг. *ҷойстик*.

**ДЖО́КЕР**, [англ. joker ширинкор, масхарабоз]. Ниг. *ҷокер*.

**ДЖОНАТА́Н**, [англ. Jonathan]. Ниг. *ҷонатан*.

**ДЖО́УЛ**, [англ. Joule]. *физ*. Ниг. *ҷоул*.

**ДЖУ́НТА**, [ит. giunta]. Ниг. *ҷунта*.

**ДЖУТ**, [банғ.]. *бот*. Ниг. ҷут[1].

**ДЖУТ**, [муғ.]. Ниг. ҷут[2].

**ДЗОТ**, [рус. кӯтоҳшудаи дерево-земляная огневая точка]. Истеҳкоми чӯбию хокӣ барои оташфишонӣ.

**ДЗЮДО́**, [яп. judo < ju нармӣ + do роҳ]. *варз.* Гӯштини тарзи озоди японӣ, ки то соли 1882 бо номи *ҷиу-ҷитсу* машҳур буд. || Мқс. карате, ҷиу-ҷитсу, ушу.

**ДИ...**, [< лот. di... ду, дутогӣ, дукарата]. Пешванде, ки аз ду қисм иборат будан, ду аломат доштанро ифода мекунад, мас.: *дифтонг*.

**ДИАБА́З**, [фр. diabase]. *геол.* Ҷинси кӯҳии тафтавии сиёҳ, ки дар сохтмон ва роҳсозӣ истифода мебаранд.

**ДИАБЕ́Т**, [< юн. diabetes]. *тиб.* Серпешобӣ; беморие, ки аломати асосии он бисёр пешоб кардан аст; Д.-и беқанд – серпешобии беқанд; сабабҳои Д.-и б.: дар хун кам шудани миқдори гормони *вазопрессин*, ки ба хориҷшавии барзиёди моеъ аз организм монеъ мешавад, инчунин бемориҳои сироятӣ, осеби мағзу косахонаи сар, омоси *гипоталамус* ва *гипофиз*; Д.-и гурда – беморие, ки ҳангоми он дар таркиби пешоб *глюкоза* пайдо мешавад; Д.-и қандӣ – бемории қанд; бемории ғадудҳои дохилӣ, ки ҳангоми он аз сабаби дар организм нарасидани гормони ғадуди зери меъда – *инсулин* мубодилаи моддаҳо халал меёбад.

**ДИАБЕ́ТИК**, [< *диабет*]. Шахсе, ки ба бемории *диабет* (қанд) гирифтор аст.

**ДИАГЕНЕ́З**, [< юн. dia... пасванд ба маънои бадалшавӣ + genesis пайдоиш]. *геол.* Ба ҷинсҳои сахти кӯҳӣ табдил ёфтани таҳшинҳои ковоки таги ҳавзаҳои об (уқёнус, баҳр, дарё, кӯл ва ғ.).

**ДИА́ГНОЗ**, [< юн. diagnosis шинохтан, муайян кардан]. **1**. *тиб.* Ташхис; дар асоси муоинаи ҳаматарафаи бемор муайян намудани бемории ӯ. **2**. *бот., зоол.* Тавсифи илмии аломатҳои асосии ин ё он гурӯҳ (ҷинс, намуд)-и растанӣ ё ҳайвонот.

**ДИАГНО́СТИКА**, [< юн. diagnostikos қобилияти донистан]. *тиб.* **1**. Соҳаи тиб, ки усулҳои *диагноз* (ташхис)-ро меомӯзад. **2**. Раванди ташхиси беморӣ.

**ДИАГОНА́Л (ДИАГОНА́ЛЬ)**, [< юн. diagonios аз кунҷе ба кунҷе раванда]. **1**. *геом.* Хати росте, ки ду кунҷи дар як тараф воқеънабудаи бисёркунҷаро бо ҳам мепайвандад. **2**. Матое, ки рахҳои уреб дорад.

**ДИАГРА́ММА**, [< юн. diagramma тасвир, расм, нақша]. **1**. Тасвири графикие, ки таносуби байни бузургиҳои гуногунро ба воситаи порчаҳои хат ё шаклҳои геометрӣ нишон медиҳад. || Мқс. график. **2**. *бот.* Тасвири графикии шакл, шумора ва ҷойгиршавии гул ё навдаи баргдор.

**ДИАДЕ́МА**, [юн. diadema]. **1**. *таър.* Кулоҳи коҳинон ва шоҳони Юнони Қадим. **2**. Қоши тилло; нимтоҷ; асбоби зинати сари занон.

**ДИАДОХҲО**, [юн. diadochos ворис]. *таър.* Сарлашкарҳои Искандари Мақдунӣ, ки баъд аз вафоти ӯ (с. 323 то милод) империяи таъсисдодаи ӯро байни худ тақсим намуда, ҳукмронӣ мекарданд.

**ДИАЛЕ́КТ**, [< лот. dialectus]. Шева, лаҳҷаи маҳаллӣ.

**ДИАЛЕКТИ́ЗМ**, [< *диалект* + пасв. -изм]. *збш.* Калима ё иборае, ки ба ягон шеваи маҳаллӣ тааллуқ дорад (на ба забони адабӣ).

**ДИАЛЕ́КТИК**, [< лот. dialectikos]. Пайрави фалсафаи диалектикӣ.

**ДИАЛЕ́КТИКА**, [< лот. dialectica санъати мубоҳиса]. *фалс.* Таълимот дар бораи қонунҳои куллии инкишофи табиат, ҷамъият ва тафаккур, назария ва усули маърифати воқеият, ташаккул ва инкишофи ҳастӣ ва шуур; ба қонунҳои ягонагӣ, муборизаи ба ҳам зидҳо, инкори инкор ва тағйирпазирии доимии табиат асос ёфтааст; баръакси *метафизика*.

**ДИАЛЕКТО́ЛОГ**, [< *диалектология*]. Шевашинос, лаҳҷашинос; мутахассиси *диалектология* (шевашиносӣ).

**ДИАЛЕКТОЛО́ГИЯ**, [< *диалект* + *…логия*]. *збш.* Шевашиносӣ; лаҳҷашиносӣ; соҳаи забоншиносӣ, ки шеваю лаҳҷаҳои ин ё он забонро меомӯзад.

**ДИАЛО́Г**, [< юн. dialogos]. **1**. Муколама; гуфтугӯи байни ду ё якчанд шахс. || Мқс. дискурс, монолог. **2**. *адш.* Асари адабие, ки дар шакли муколама навишта шудааст.

**ДИАМАГНЕТИ́ЗМ**, [фр. diamagnetisme]. *физ.* Бар зидди (рӯбарӯи) самти майдони магнитӣ магнитнок шудани модда.

**ДИАМА́НТ**, [фр. diamant]. **1**. Алмос, *бриллиант* (алмоси суфта). **2**. Як навъ ҳуруфи матбаавӣ, ки андозааш ба чор *пункт* баробар аст.

**ДИА́МЕТР**, [< юн. diametros миёнхат]. Қутр; миёнхат; порчаи хати росте, ки аз маркази доира гузашта, доираро ба ду қисми баробар тақсим мекунад; ба ду *радиус* баробар аст.

**ДИАМИ́Д**, [англ. diamide]. *хим.* Пайвасти гидроген бо нитроген (*азот*); моеи беранги бадбӯй, заҳрнок ва тарканда, ки дар синтези органикӣ, истеҳсоли пластмасса, каучук ва моддаҳои тарканда ба кор меравад; ба таркиби сӯзишвории мушакҳо (ракетаҳо) дохил мешавад.

**ДИАММОФО́С**, [< *ди…* + *аммофос*]. Нурии фосфории нитрогендор.

**ДИА́НА**, [лот. Diana]. Дар асотири Рими Қадим – олиҳаи Моҳтоб, шикор ва фаровонҳосилӣ, пуштибони дарандагон; хоҳари Аполлон.

**ДИАНЕ́ТИКА**, [< юн. dianeo бартараф мекунам]. Илми солимии рӯҳ; усулҳои бартарафсозии ҳолатҳои ногувор ва шадиди рӯҳиро меомӯзад.

**ДИАПАЗО́Н**, [< юн. dia pason ба воситаи ҳамаи торҳо]. **1**. Ҳаҷми овози (масофаи байни овозҳои пасттарин ва баландтарини) сароянда ё асбоби мусиқӣ. **2**. Доираи тағйирёбии ин ё он бузургӣ, мас., басомади мавҷҳои радио. **3**. *маҷ.* Ҳаҷми дониш; доираи қобилият, маҳорат, маълумот, шавқу ҳавас ва ғ. || Мқс. спектр.

**ДИАПА́УЗА**, [< юн. diapausis танаффус, таваққуф]. *биол.* Давраи оромӣ дар инкишофи ҳайвонот, ки дар натиҷаи якбора суст шудани мубодилаи моддаҳо ва муваққатан бозистодани равандҳои шаклҳосилкунанда ба вуҷуд меояд.

**ДИАПЕДЕ́З**, [< юн. diapedesis заҳидан, таровидан]. *физиол., тиб.* Аз девори раг заҳида гузаштани ҳуҷайраҳои хун (*лейкоситҳо* ва *эритроситҳо*); дар одамон ва ҳайвонот ҳангоми варам кардани бофтаҳои атрофи раги хунхард мушоҳида мешавад.

**ДИАПОЗИТИ́В**, [< юн. dia… ба воситаи + positives мусбат]. Сурати дар шиша ё навори (*плёнкаи*) шаффоф чопшуда барои намоиш додан дар экран бо ёрии *диапроектор*; *слайд* низ гӯянд.

**ДИАПРОЕ́КТОР**, [< юн. dia… ба воситаи + *проектор*]. Асбоби оптикию механикӣ барои дар экран намоиш додани суратҳо (*диапозитивҳо, слайдҳо*); *диаскоп* низ гӯянд. || Мқс. проектор, филмоскоп.

**ДИАРЕ́Я**, [< юн. diarrheo ҷорӣ мешавам]. *тиб.* Исҳол; дарунравӣ; ихроҷи зиёди наҷосати обакӣ.

**ДИАСКО́П**, [< юн. diaskopeo мушоҳида мекунам]. Ниг. *диапроектор.*

**ДИАСПО́Р**, [юн. diaspore]. *маъд.* Минерал – гидроксиди алюминий, ки дар таркибаш омехтаҳои оҳан, марганетс ва хром дорад; аз Д. алюминий мегиранд.

**ДИА́СПОРА**, [юн. diaspora]. Дар аввал – қабилаҳои яҳудие, ки аз замонҳои Асорати Бобулистон (асри 4 то милод) берун аз Фаластин маскун шуда буданд; ҳоло – як қисми аҳолӣ (гурӯҳи этникӣ), ки берун аз мамлакати худ зиндагӣ мекунад; Д.-ҳо одатан дар натиҷаи муҳоҷирати маҷбурӣ ё ихтиёрӣ (мас., муҳоҷирати меҳнатӣ), таҳдиди геносид, таъсири омилҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ғ. пайдо мешаванд.

**ДИАСТА́ЗА**, [< юн. diastaza ҷудошавӣ]. Ферменте, ки оҳарро (*крахмалро*) ба қанд табдил медиҳад.

**ДИАСТЕ́МА**, [юн. diastema]. *тиб., физиол.* Роғи байни дандонҳои пеш.

**ДИА́СТОЛА**, [< юн. diastole кашиш хӯрдан]. *физиол.* Сустшавии мунтазами мушаки дил, ки ҳар дафъа баъди кашиш хӯрдани он (*систола*) ба вуҷуд меояд.

**ДИАТЕ́З**, [< юн. diathesis майл доштан]. *тиб.* Майл доштани организм ба баъзе бемориҳо ё вокуниши номувофиқ ба ангезаҳои одӣ дар натиҷаи нуқси модарзодии раванди мубодилаи моддаҳо.

**ДИАТЕРМИ́Я**, [< юн. dia… ба воситаи + ptherme гармӣ]. *тиб.* Бо ҷараёни баландбасомади барқ гарм кардани бофтаҳои бадан; *эндотермия* низ гӯянд.

**ДИАТОМИ́Т**, [юн. diatomite]. *геол.* Ҷинси кӯҳии ковоки хокамонанде, ки аз лойқаи обсабзҳои диатомии баҳру кӯлҳо пайдо шудааст.

**ДИАТО́НИКА**, [< юн. diatonikos аз парда ба парда гузаранда]. *мус.* Системаи ҳафтовоза, ки ҳамаи овозҳояш дар *квинтҳои* соф ҷойгир шуда метавонанд.

**ДИАТРИ́БА**, [< юн. diatribe суҳбат]. Суханони тезу тунд, дағал ва ғаразноке, ки барои раҷондани касе гуфта шудаанд. || Мқс. инвектива.

**ДИАФАНО́МЕТР**, [< *диафан* + *...метр*]. Асбоб барои муайян кардани дараҷаи шаффофии ҷисмҳои сахт, моеъ ва газ.

**ДИАФАНОСКО́П**, [< юн. diaphanes шаффоф + skopeo мушоҳида мекунам]. *тиб.* Асбоб барои муоинаи ҷавфҳои иловагии бинӣ ва ғӯзаи чашм.

**ДИАФАНОСКОПИ́Я**, *тиб.* Муоинаи ҷавфҳои иловагии бинӣ ва ғӯзаи чашм бо ёрии *диафаноскоп.*

**ДИАФИ́З**, [< юн. diaphysis]. *анат.* Қисми миёнаи устухони найчашакл.

**ДИАФИЗИ́Т**, [< *диафиз*]. *тиб.* Варами *диафиз.*

**ДИАФИ́ЛМ (ДИАФИ́ЛЬМ)**, [< юн. dia... ба воситаи + *филм*]. Филме, ки аз диапозитивҳо иборат буда, одатан ба як мавзуъ бахшида шудааст (ниг. *диапозитив*).

**ДИАФО́Н**, [< юн. dia... ба воситаи + phone овоз]. Асбоб барои баланд кардани садои мино (*маяк*) ҳангоми туман.

**ДИАФО́НИЯ**, [< юн. diaphonia гуногуновозӣ]. Ниг. *диссонанс.*

**ДИАФРА́ГМА**, [< юн. diaphragma монеа, девор]. **1**. *анат.* Пардаи ҳоҷиз; девораи пайу мушакии байни қафаси сина ва шиками ҳайвонҳои ширхӯр ва одам; дар нафаскашӣ вазифаи муҳимро иҷро мекунад. **2**. *опт.* Лавҳачаи тунук дар асбоби суратгирӣ ё дигар асбобҳои оптикӣ, ки барои гузаштани нурҳои рӯшноӣ сӯрохӣ дорад. **3**. *тех.* Девораи (*пластинаи*) сӯрохидор ё бесӯрох, ки дар *трубопроводҳо* барои чен кардани сарфи моеъ ё газ насб карда мешавад.

**ДИАХРОНИ́Я**, [< юн. dia... ба воситаи + chronos вақт]. *збш.* Фасли забоншиносӣ, ки бар хилофи *синхрония* ҳодисаҳои забонро дар инкишофи таърихии онҳо меомӯзад; тағйирёбии ҳолати забон бо мурури вақт ва дар рафти таҳаввулоти (*эволютсияи*) он.

**ДИВЕРГЕ́НСИЯ (ДИВЕРГЕ́НЦИЯ)**, [< лот. divergere фарқ кардан]. **1**. *биол.* Тафовути аломатҳои организм дар рафти таҳаввулот (*эволютсия*); раванди ба шохаҳо ҷудошавии растаниҳо ва ҳайвонот дар натиҷаи интихоби сунъӣ ё табиӣ; мафҳуми Д.-ро бори нахуст Ч. Дарвин барои маънидод кардани гуногуншаклии растаниҳои парваришӣ, зоти ҳайвонҳои хонагӣ ва намудҳои биологӣ истифода бурда буд. **2**. *мат.* Бузургии скалярӣ, ки тағйироти ҷараёнро дар ҳар як нуқтаи майдони векторӣ муайян мекунад. **3**. *збш.* Тағйирёбии овози нутқ вобаста ба мавқеи он дар калима. || Мқс. конвергенсия.

**ДИВЕРСА́НТ**, [< *диверсия* + пасв. -ант]. Вайронкор; шахсе, ки *диверсия* мекунад.

**ДИВЕРСИФИКА́ТСИЯ (ДИВЕРСИФИКА́ЦИЯ)**, [< лот. diversificatio тағйир додан]. *иқт.,*1. Гуногунӣ; вуҷуд доштани якчанд варианти инкишоф. **2**. Машғул шудани ширкат (хоҷагӣ, корхона ва ғ.) ба соҳае, ки бо фаъолияти асосии он робита надорад.

**3**. Зиёд намудани номгӯи маҳсулот ва намудҳои хизматрасонӣ бо роҳи ҳамаҷониба тараққӣ додани истеҳсолот, ҷорӣ намудани технологияҳои нав.

**ДИВЕ́РСИЯ**, [< лот. diversio  вайронкорӣ]. **1**. Вайрон кардан ё зарар расондан ба объектҳои ҳаётан муҳими гражданӣ ё ҳарбӣ бо роҳи тарконданн, сӯзондан ё бо дигар амалҳои душманона. **2**. Амалиёти ҳарбие, ки бо мақсади аз ҷои зарбаи асосӣ ба тарафи дигар ҷалб намудани диққати душман гузаронда мешавад.

**ДИВЕРТИ́КУЛ**, [< лот. diverticulum ба тарафе майл кардан]. *тиб.* Барҷастагии халтамонанди девораи узвҳои ковок (сурхрӯда, пешобдон, рӯда ва ғ.); модарзодӣ ва ғайримодарзодӣ мешавад.

**ДИВЕРТИСМЕ́НТ**, [< фр. divertissement]. *санъ.* **1**. Суруду рақсҳои иловагии асарҳои драмавӣ, опера ва балетҳои асрҳои 17 – 19. **2**. Барномаи гуногунжанри иборат аз суруд, мусиқӣ, рақс ва саҳначаҳо, ки аз асри 17 сар карда, дар театрҳои драмавӣ пас аз анҷоми пйесаи асосӣ намоиш дода мешуд. **3**. Асари мусиқии сюитамонанд, ки дар асри 19 ба *попурри*, яъне ба асари сабуки мусиқӣ шабоҳат дошт, дар асри 20 – сюитае, ки аз якчанд порчаи мусиқии балет таркиб ёфтааст.

**ДИВИДЕ́НД**, [< лот. dividendum тақсимшаванда]. *мол.* Қисми фоидаи ҷамъияти саҳҳомӣ, ки ҳар сол дар байни саҳмдорон тақсим карда мешавад. ‖ Мқс. рента.

**ДИВИЗИО́Н**, [< фр. divisio тақсим кардан]. *ҳарб.* **1**. Қисми оташфишонӣ ва тактикии қӯшунҳои ракетӣ ва артиллерӣ. **2**. Дар флот – қисми тактикии киштиҳои якхелаи дараҷаҳои 3-юм ва 4-ум.

**ДИВИЗИОНӢ**, [< *дивизия*]. *ҳарб.* Мансуб ба *дивизия*; к о м и с с а р и  Д. – рутбаи ҳарбӣ дар ҳайати олии ҳарбию сиёсии Армияи Сурх дар солҳои 1935 – 1942.

**ДИВИ́ЗИЯ**, [< фр. divisio тақсим кардан]. *ҳарб.* Қисми ҳарбии тактикии қӯшунҳои хушкигард, қувваҳои ҳарбии ҳавоӣ ва баҳрии баъзе мамлакатҳо, ки ба ҳайати он полкҳо ва бригадаҳо дохил мешаванд. ‖ Мқс. корпус.

**ДИВИНИ́Л**, [< *ди…* + vinum май]. *хим.* Гази беранги карбогидридӣ, ашёи хом барои истеҳсоли каучуки сунъӣ.

**ДИ́ГГЕРҲО**, [англ. digger заминкоб]. **1**. *таър.* Намояндагони қаноти чапи демократияи инқилобӣ дар давраи инқилоби буржуазӣ дар Англия; Д. заминҳои бекормондаро шудгор мекарданд, барҳам додани мулки хусусӣ ва тақсими баробари замин ва ҳосилро талаб менамуданд. ‖ Мқс. левеллерҳо. **2**. Дар шаҳрҳои муосир – онҳое, ки бо омӯзиши роҳҳои алоқаи зеризаминӣ, *коллекторҳо* машғуланд.

**ДИГИТА́ЙЗЕР**, [англ. digitizer]. *инф.* Асбобе, ки сигналҳои аналогиро ба сигналҳои рақамӣ табдил медиҳад (дар компютер); *планшети* расмкашӣ низ гӯянд.

**ДИГЛО́ССИЯ**, [< *ди…* + glossa забон]. *збш.* Яке аз намудҳои дузабонӣ; гап задан бо ду шеваи як забон, мас., англисии бритонӣ ва амрикоӣ, испании Испания ва Амрикои Лотинӣ. ‖ Мқс. билингвизм.

**ДИГРА́ММА**, [< *ди… + грамма*]. *збш.* Ду ҳарфе, ки чун як овоз талаффуз карда мешавад, мас., дар заб. англисӣ – ch (ч), ph (ф).

**ДИГРА́Ф**, [< *ди…* + *граф*]. *збш.* Ниг. *диграмма.*

**ДИГРЕ́ССИЯ**, [< лот. digressio майл кардан]. *астр.* Масофаи байни сайёра ва Офтоб.

**ДИДАКТИ́ЗМ**, [< *дидактика* + пасв. -изм]. Пандомӯзӣ, насиҳатгӯӣ, андарзгӯӣ.

**ДИДА́КТИКА**, [< юн. didaktikos пандомез, ибратбахш, тарбиявӣ]. Яке аз соҳаҳои педагогика, ки назария ва усулҳои таълиму тарбияро меомӯзад.

**ДИДАКТИКӢ**, [< *дидактика*]. Мансуб ба *дидактика*; адабиёти Д. - насиҳатнома; назм ё насри пурҳикмат, пандомез, тарбиявӣ.

**ДИЧЕ́Й, ДИ-ЧЕ́Й (ДИДЖЕ́Й, ДИ-ДЖЕ́Й)**, [англ. DJ < disk қарта + jokey чобуксавор]. Ровии (барандаи) барномаи мусиқие, ки аз сабтҳои овозӣ иборат аст (мас., дар *дискотекаҳо*, шабнишиниҳои ҷавонон ва ғ.); *диск-жокей* низ гӯянд.

**ДИЕ́З**, [< юн. diesis ним парда]. *мус.* Аломати нота, ки ним парда баланд кардани овозро ифода мекунад.

**ДИЕ́ТА**, [< юн. diatia тарзи зиндагӣ, низом]. **1**. Парҳез; низоми муайяни хӯрокхӯрӣ, ки барои одамони солим ва бемор муқаррар карда мешавад. **2**. Д.-и парламентӣ – дар баъзе мамлакатҳо: маоши шабонарӯзӣ ё моҳонаи вакилони парламент.

**ДИЕТЕ́ТИКА**, [< юн. diatia тарзи зиндагӣ, низом]. Ниг. *диетология.*

**ДИЕТИКӢ**, [< *диета*]. Парҳезӣ; мансуб ба *диета*; ошхонаи Д. – ошхона барои одамоне, ки ба хӯроки парҳезӣ ва муолиҷавӣ ниёз доранд.

**ДИЕТОЛО́ГИЯ**, [< *диета* + *…логия*]. Соҳаи тиб, ки бо омӯзиш ва асоснок кардани тартиби ғизогирии беморон машғул аст.

**ДИЕТОТЕРАПИ́Я**, [< *диета* + *терапия*]. *тиб.* Парҳездармонӣ; табобат ё пешгирии бемориҳо ба воситаи парҳез.

**ДИЗ…, ДИС…,** [лот. dys…, dis…]. Пешванде, ки инкор, вайронӣ ё хилофи чизе буданро ифода мекунад, мас., дар калимаҳои *дизартрия, дизентерия, дисгармония, дисбаланс* (бо пешвандҳои тоҷикии но…, ғайри…, бе…, аксул… мувофиқат мекунад).

**ДИЗА́ЖИО**, [< ит. disaggio дуршавӣ]. *мол.* Аз қурби аслии худ арзонтар шудани арзиши пул, вексел ё коғазҳои қиматнок; баръакси *лаж.*

**ДИЗА́ЙН**, [англ. design]. Ороиш; зебосозӣ; тарҳрезӣ намудан, сохтан ва оро додани иморатҳо, автомобилҳо, ҷиҳози хона, либос, маҳсулоти чопӣ ва ғ. аз рӯи қонуну қоидаҳои эстетикӣ.

**ДИЗА́ЙНЕР**, [< *дизайн*]. Ороишгар, зебосоз; мутахассиси *дизайн.*

**ДИЗАРТРИ́Я**, [лот. dysarthria]. *тиб.* Ихтилоли тарзи талаффуз (*артикулятсия*); душворӣ кашидан дар талаффузи овозҳо, ҳиҷоҳо ва калимаҳо дар натиҷаи

нимфалач, ташаннуч (*спазм*), *гиперкинез* ё *атаксияи* мушакҳои нутқ, инчунин бемориҳои асаби косахона ва мағзи сар.

**ДИ́ЗЕЛ (ДИ́ЗЕЛЬ)**, [аз номи ихтироъкор ва муҳандиси олмонӣ Р. Дизел (Disel), 1858 - 1913]. *тех*. Муҳаррики дарунсӯзи поршенӣ, ки бо сӯзишвории моеъ (*солярка*) кор мекунад; дар нерӯгоҳҳо, киштиҳо, тепловозҳо, автомобилҳои боркаш, тракторҳо ва диг. мошинҳои кишоварзӣ истифода мешавад.

**ДИЗЕНТЕРИ́Я**, [< *диз…* + юн. enteron рӯда]. *тиб*. Исҳоли хунин; бемории сироятии одам, ки онро бектерияҳои *шигелла* бармеангезанд; ҳангоми Д. заҳролудшавии умумӣ, осеби рӯдаи ғафс, нацосати обакии луобдор ва хунолуд мушоҳида мешавад.

**ДИЗОСМИ́Я**, [< *диз…* + юн. osme бӯй]. *тиб*. Ихтилоли шомма; суст (кунд) шудани ҳисси бӯёӣ. ‖ Мқс. аносмия.

**ДИЗУРИ́Я**, [< *диз…* + юн. uron пешоб]. *тиб*. Суст ё вайрон шудани фаъолияти пешобронӣ; душвормезӣ. ‖ Мқс. анурия.

**ДИЗЪЮ́НКСИЯ (ДИЗЪЮ́НКЦИЯ)**, [лот. disijunctio чудошавӣ]. *фалс*. Аз ҳисоби муттаҳид намудани ду ё якчанд фикр ташаккул додани як фикри мураккаб бо ёрии пайвандаки мантиқии «ё».

**ДИКСИРА́ТҲО**, [англ. dixiecrat]. Демократҳо аз иёлоти ҷанубии ИМА, ки нажодпарастиро ҷонибдорӣ ва тарғиб менамуданд.

**ДИКТА́НТ**, [< лот. dictare имло кардан]. Кори хаттии талабагон – матне, ки муаллим имло мекунад ва талабагон менависанд.

**ДИКТА́Т**, [< лот. dictare фармон додан]. **1**. Шартномаи нобаробарҳуқуқонаи байналхалқие, ки бо он яке аз тарафҳо иродаи худашро ба тарафи дигар зӯран бор мекунад. **2**. Ҳукмфармоӣ; сиёсате, ки давлати зӯр бо роҳи фишороварии сиёсӣ, иқтисодӣ ва таҳдиди ҳарбӣ шартҳои худро ба давлатҳои нозӯр қабул мекунонад.

**ДИКТА́ТОР**, [лот. dictator < dictare фармон додан]. **1**. Ҳокими мутлақ; яккаҳукмрон. ‖ Мқс. автократ. **2**. *таър*. Дар Рими Қадим – шахсе, ки дар мавриди ба давлат таҳдид намудани хатари хориҷӣ ё дохилӣ ба вай аз тарафи *сенат* ҳуқуқи ҳукмронии номаҳдуд дода мешуд.

**ДИКТАТУ́РА**, [лот. dictatura < dictare фармон додан]. **1**. *таър*. Дар Рими Қадим – ваколат ё давраи ҳукмронии ҳокими мутлақ (*диктатор*). **2**. Ҳокимияти номаҳдуди шахс, гурӯҳ ё синф. ‖ Мқс. доминат.

**ДИКТИОКАУЛЁЗҲО**, [< лот. dictyocaulus]. Бемориҳои ҳайвоноти алафхӯр, ки *нематодаҳои* dictyocaulus ба вуҷуд меоранд.

**ДИ́КТОР**, [лот. dictor]. Гӯянда; натқоқ, нотиқ, сухангӯ; корманди радио ё телевизион, ки дар назди микрофон гап мезанад ё матн мехонад.

**ДИКТОФО́Н**, [< лот. dicto имло мекунам + phone овоз]. Гапнавис, садонавис; асбоб (як намуди магнитофон) барои сабт ва шунавондани нутқи шифоҳӣ.

**ДИ□КСИЯ (ДИ́КЦИЯ)**, [< лот. dictio талаффуз]. Тарзи талаффузи калимаҳо.

**ДИЛАТА́ТОР**, [< *дилататсия*]. **1**. *анат*. Мушаки васеъкунанда. **2**. *тиб*. Асбоб барои васеъ кардани сӯрохии тангшудаи рӯда, рагҳои хунгард ва ғ.

**ДИЛАТА□ТСИЯ (ДИЛАТА́ЦИЯ)**, [лот. dilatatio]. Васеъ шудани (кардани) сӯрохии ягон узви ковок, мас., меъдачаи дил.

**ДИЛАТО́МЕТР**, [< лот. dilato васеъ мекунам + *...метр*]. *физ., тех*. Асбоб барои чен кардани дараҷаи васеъшавии ҷисмҳо бо таъсири гармӣ, фишор, майдонҳои электрикӣ ва магнитӣ ва омилҳои диг.

**ДИЛАТОМЕ́ТРИЯ**, [< лот. dilato васеъ мекунам + *...метрия*]. *физ., тех*. Усули тадқиқи моддаҳо аз рӯи тағйирёбии андозаи ҷисм бо таъсири омилҳои берунӣ: гармӣ, сардӣ, фишор, майдонҳои электрикӣ ва магнитӣ ва омилҳои диг.

**ДИЛЕ́ММА**, [< юн. di... ду карат + lemma тахмин, фарз]. **1**. *фалс*. Дар фалсафа ва мантиқ – муҳокима ё хулосае, ки аз ду фикри ба ҳам зид иборат буда, яке аз онҳоро қабул кардан лозим меояд. **2**. *маҷ*. Ҳолати мушкил; масъалаи душвор; дар сари дуроҳа мондан; зарурати аз ду имконият якеро интихоб кардан.

**ДИ́ЛЕР**, [англ. dealer]. **1**. Маъмури қиморхона. **2**. *тиҷ*. Даллол; шахс ё муассисае, ки дар вақти харидуфурӯши мол, коғазҳои қиматнок, асъор миёнаравӣ мекунад. || Мқс. брокер, дистрибютор, маклер.

**ДИЛЕТА́НТ**, [ит. dilettante < delectare дилхуш кардан, шод кардан]. Ҳаваскор; шахсе, ки бо ин ё он пеша (мас., санъат, илм, адабиёт ва ғ.) бе тайёрӣ ва дониши зарурӣ, яъне булҳавасона машғул мешавад. || Мқс. профан.

**ДИЛИЖА́НС**, [фр. diligence]. Аробаи калони болопӯшида барои кашондани почта, бағоч ва одамон. || Мқс. карета, фойтун.

**ДИ́ЛИНГ**, [англ. dealing]. *тиҷ., мол*. **1**. Дар соҳаи бонкдорӣ – хариду фурӯши асъори хориҷӣ, дар бонкҳои хориҷӣ гузоштани депозитҳои асъорӣ, коғазҳои қиматнок ва тилло. **2**. Шуъбаи бонк, ширкат, ки кормандони он бо ин намуди фаъолият машғул мебошанд (бештар тавассути телефон ё таҷҳизоти техникии диг.).

**ДИЛИ́Т**, [англ. delete]. *инф*. Тугмаи *клавиатураи* компютер барои нест («кӯр») кардани матн, сурат, *файл*.

**ДИЛО́ГИЯ**, [< юн. di... ду карат + *...логия*]. **1**. *адш*. Ду роман ё асари драмавии як муаллиф, ки мавзуъ ва ғояи асосиашон як аст. || Мқс. трилогия. **2**. Дар Юнони Қадим – драмаи дупардагӣ.

**ДИМЕТИЛАМИ́Н**, [< *ди...* + *метил* + *аминҳо*]. *хим*. Гази беранги бадбӯй; амини дуюмини қатори алифатӣ; дар табиат аз пӯсиши моддаҳои сафеда пайдо мешавад; ба таври сунъӣ аз спирти метил ва аммиак, инчунин аз формалдегиду хлориди аммоний ҳосил мекунанд; аз Д. дорувор, сӯзишвории ракетӣ ва ғ. истеҳсол менамоянд.

**ДИМЕТИЛАНИЛИ́Н**, [< *ди… + метил + анилин*]. *хим*. Моеи беранге, ки аз гарм кардани анилину спирти метил ҳосил мекунанд; дар истеҳсоли рангҳо, моддаҳои тарканда, инчунин дар суратгарӣ истифода мешавад.

**ДИМЕТИЛГИДРАЗИ́Н**, [< *ди… + метил + гидразин*]. *хим*. Моеи беранги заҳрнок, бӯи тез дорад; дар ҳаво оксид шуда, дар 270˚С дармегирад; барои тайёр кардани сӯзишвориҳои моеи ракетӣ истифода мешавад.

**ДИМЕТИЛФОРМАМИ́Д**, [< *ди… + метил + формалдегид + аминҳо*]. *хим*. Пайвасти органикӣ, моеи беранге, ки бӯи махсус дорад; чун ҳалкунанда дар истеҳсоли нахи полиакрилонитрилӣ, инчунин ҳангоми ҷудо кардани *атсетилен* аз омехтаи газҳо, рангдиҳии пӯст, коғаз ва ғ. истифода мешавад.

**ДИМЕТИЛФТАЛА́Т**, [< *ди… + метил + фталиҳо*]. *хим*. Моеи хушбӯи зардтоб; барои нагазидани пашшаю хомӯшакҳо ба дасту рӯй мемоланд.

**ДИМИНУЭ́НДО**, [ит. diminuendo]. *мус*. Тадриҷан паст шудани овоз; гузаштан аз лаҳни баланд ба лаҳни паст; баръакси *крешендо*.

**ДИ́ММЕР**, [англ. dimmer]. *тех*. Асбобе, ки қувваи рӯшноиро танзим мекунад.

**ДИМОРФИ́ЗМ**, [< юн. di… ду карат + *…морфизм*]. *биол*. Яке аз намудҳои *полиморфизм*; дар доираи як намуд вуҷуд доштани ду шакли бо аломатҳои морфологию физиологӣ фарқкунанда.

**ДИ́НА**, [< юн. dynamis қувва]. *физ., кӯҳна*. Воҳиди қувва дар системаи воҳидҳои СГС. || Мқс. нютон.

**ДИНАМИ́ЗМ**, [< юн. dynamis қувва]. Сеҳаракатӣ, серамалӣ.

**ДИНА́МИК**, [< юн. dynamis қувва]. Баландгӯяки электродинамикӣ; лаппиши электриро ба лаппиши овозӣ табдил медиҳад.

**ДИНА́МИКА**, [< юн. dynamis қувва]. **1**. Фасли механика, ки ҳаракати ҷисмҳоро вобаста бо қувваи ба онҳо таъсиркунанда меомӯзад; Д.-и иншоот – фасли механикаи сохтмон оид ба усулҳои ҳисоб кардани тобоварии иншоот ба навасон (*вибратсия*), зилзила, зарба ва ғ. **2**. Ҷараёни инкишоф; рафти инкишофи ягон ҳодиса, раванд. **3**. *маҷ*. Серҳаракатӣ, серамалӣ.

**ДИНАМИ́Т**, [< юн. dynamis қувва]. Моддаи таркандае, ки асосан аз *нитроглитсерин* иборат аст; дар корҳои ҳарбӣ ва кӯҳканӣ истифода мешавад.

**ДИНА́МО**…, [< юн. dynamis қувва]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки қувваро ифода мекунад, мас., *динамометр*.

**ДИНАМО́МЕТР**, [< юн. dynamis қувва + *…метр*]. Қувваsanҷ; асбоб барои чен кардани қувва ва лаҳзаи қувва ҳангоми озмоиши мошинҳо, инчунин барои чен кардани қувваи мушакҳои одам.

**ДИНАМОМЕ́ТРИЯ**, [< юн. dynamis қувва + *…метрия*]. Чен кардани қувваи мушакҳои одам бо ёрии *динамометр*.

**ДИ́НГО**, [англ. dingo]. Саги ваҳшии австралиягӣ.

**ДИНО..., ДЕЙНО...**, [< юн. dinos, deinos баднамо, даҳшатнок]. Қисми аввали истилоҳҳои мураккаби палеонтологӣ, ки баъзе намудҳои ҳайвоноти нестшударо ифода мекунад, мас., динотерияҳо, дейносефал.

**ДИНОЗА́ВР**, [< юн. *дино...* + *...завр*]. *пал.* Ҷонвари хазандаи сусмормонанди давраи *мезозой* аз зерсинфи *архозаврҳо*; вазнаш то 50 т ва дарозиаш то 30 м буд.

**ДИНО́Р**, [лот. denarius]. **1**. Тангаи қадимаи тиллоии мамлакатҳои Шарқи мусулмон; аввалин маротиба дар асри 7-ум сикка шуда буд ва тақрибан 2,4 г тилло дошт. **2**. Воҳиди пули як қатор мамлакатҳо; Алҷазоир, Тунис, Ӯрдун, Ироқ, Кувайт ва ғ. **3**. Тангаи нуқрагии Рими Қадим.

**ДИНО́РНИС**, [< юн. dinos, deinos баднамо, даҳшатнок + ornis паранда]. *зоол.* Парандаи хеле калони даванда, ки дар Зеландияи Нав мезист; қадаш то 3 м; дар давоми 200 соли охир тамоман қир карда шуд; *моа* низ гӯянд.

**ДИНОТЕ́РИЙ**, [< юн. dinos, deinos баднамо, даҳшатнок + therion даранда]. *пал.* Ҷонвари калони хартумдор, ки дар нимаи дуюми *кайнозой* зистааст.

**ДИО́Д**, [< *ди...* + *электрод*]. Асбоби дуэлектродаи электровакуумӣ, ионӣ ё нимноқилӣ, ки дорои ноқилияти яктарафа мебошад; дар радиотехника, электроника, энергетика ва дигар соҳаҳои техника барои рост кардани ҷараёни тағйирёбанда, детектиронӣ ва ғ. истифода мебаранд. || Мқс. гексод, триод.

**ДИОКСИ́Д**, [< *ди...* + oxys турш]. *хим.* Пайвасти химиявие, ки дар он як атоми ин ё он элемент бо ду атоми оксиген пайваст шудааст.

**ДИОКСИ́Н**, [< *ди...* + oxys турш]. *хим.* Моддаи химиявии заҳрнок, ки дар натиҷаи синтези баъзе гербисидҳо, сӯзондани ахлот ва партови саноати селлюлозаю коғаз ҳосил мешавад; муҳити зистро ифлос ва заҳролуд менамояд.

**ДИО́НА**, [< юн. қад.]. **1**. Дар асотири Юнони Қадим – духтари Гея ва Уран, мувофиқи баъзе ривоятҳо – зани Зевс ва модари Афродита. **2**. *астр.* Радифи сайёраи Зуҳал; диаметраш 1120 км, масофааш то маркази сайёра 377 700 км; соли 1864 астрономи франсавӣ Ҷ. Кассини кашф кардааст.

**ДИО́НИС**, [< Dionysos]. Дар асотири Юнони Қадим – худои наботот, май ва шодию тараб, ҳомии токпарварӣ ва шаробкашӣ; номҳои дигараш (римиаш) Бахус, Вакх.

**ДИОНИ́СИЯ**, [< *Дионис*]. Ид дар Юнони Қадим ва Рими Қадим ба шарафи Дионис – худои шароб ва айшу тараб; соле чор маротиба бо иштироки ҳофизону мутрибон, ҳаҷвнигорон, фоҷианависон барпо карда мешуд.

**ДИО́ПТР**, [юн. diopter]. **1**. *геод.* Қисми асбоби геодезӣ, ки самтро нишон медиҳад ё нуқтаи даркориеро муайян мекунад. || Мқс. визир. **2**. Асбоби махсуси милтиқ барои аниқтар нишон гирифтан.

**ДИО́ПТРИКА**, [юн. dioptrike]. Илм дар бораи инкисори (шикастани) нур ҳангоми гузаштани он аз мағзи линзаҳои гуногун.

**ДИОПТРИ́Я**, [< *диоптр*]. Воҳиди қувваи оптикии линзаҳо ва оинаҳои барҷастаю фурӯхамида.

**ДИОРИ́Т**, [< юн. diorizo ҷудо мекунам]. *геол.* Ҷинси кӯҳии тафтавӣ (магмавӣ), ки аз *плагиоклазҳо* ва *силикатҳои* сиёҳ иборат аст; дар сохтмон ва ороиши биноҳо истифода мешавад.

**ДИПКУРЙЕ́Р (ДИПКУРЬЕ́Р)**, [< рус. кӯтоҳшудаи дипломатический курьер]. Қосиди дипломатӣ, хаткашони дипломатӣ.

**ДИПЛОДИО́ЗҲО**, [юн.]. *кшв., бот.* Бемориҳои растанӣ, ки занбӯруғҳои ҷинси Diplodia ба вуҷуд меоранд; махсусан Д.-и ҷуворимакка ва растаниҳои ситрусӣ васеъ паҳн шудаанд; ҳангоми Д.-и ҷуворимакка сӯтаро гард пахш карда, донаҳои он ҷигарии тира мешаванд; ба инкишофи Д. ҳавои сербориш, ҳарорати баланди ҳаво ва қатъ гардидани нашви растанӣ сабаб мешавад.

**ДИПЛОДО́К**, [юн. diplodok]. *пал. Динозаври* азим аз гурӯҳи *зауроподҳо*, ки дар давраи юра дар Амрикои Шимолӣ зиндагӣ кардааст; дарозиаш то 26 м; || Мқс. анкилозавр, бронтозавр.

**ДИПЛО́ИД**, [< юн. diploos ҷуфт + eidos намуд]. *биол.* Организме, ки ҳуҷайрааш хромосомаҳои ҷуфт дорад.

**ДИПЛО́М**, [< юн. diploma варақи дутаҳи коғаз]. **1**. Ҳуҷҷати расмӣ дар бораи хатми мактаби олӣ ё миёнаи махсус, инчунин оид ба додани унвон ё дараҷаи илмӣ. || Мқс. аттестат. **2**. Ҳуҷҷат, гувоҳномаи муассиса, ташкилот ё шаҳрвандони алоҳида, ки ба ин ё он кор ҳуқуқ медиҳад. **3**. Мукофот ба ғолибони озмунҳо, мусобиқаҳо, намоишҳо ва ғ., ки се дараҷа дорад. **4**. *гуфт.* Рисолаи тадқиқотие, ки дар вақти хатми мактаби олӣ барои гирифтани Д. навишта мешавад.

**ДИПЛОМА́НТ**, [< юн. *диплом*]. **1**. Донишҷӯе, ки рисолаи дипломӣ ҳимоя кардааст. **2**. Шахсе, ки бо дипломи озмун, мусобиқа, намоиш ва ғ. мукофотонида шудааст.

**ДИПЛОМА́Т**, [< юн. *диплом*]. **1**. Шахси мансабдори идораи корҳои хориҷӣ, ки аз тарафи ҳукумат барои робита ва гуфтушунид бо намояндагони давлатҳои хориҷӣ ваколат гирифтааст. **2**. *маҷ.* Шахсе, ки бо муомилаи моҳирона ва зиракиву дилёбӣ мақсади худро ба даст меорад. **3**. Ҷомадонча барои китоб, коғаз ва диг. ашёи хурд; аввалин маротиба онро дипломатҳо гирифта мегаштанд; *кейс* низ гӯянд. **4**. Яке аз намудҳои қартабозӣ.

**ДИПЛОМАТӢ**, [< *дипломатия*]. Мансуб ба *дипломатия*; а г е н т и  Д . – шахсе, ки барои робита ва гуфтушунид бо намояндагони давлатҳои хориҷӣ ваколатдор шудааст; р у т б а и  Д . – рутбае, ки давлат ба дипломатҳо медиҳад (мушовир, котиби якум, котиби дуюм, котиби сеюм, атташе); к о р п у с и  Д . – ҳайати шахсии ҳамаи намояндагиҳои Д. (бо аъзои оилаашон), ки дар ҳудуди ин ё он давлат расман қарор доранд; корпуси дипломатӣ сардор дорад, ки онро *дуайен* меноманд.

**ДИПЛОМА́ТИКА**, [< *дипломатия*]. Яке аз соҳаҳои илми таърих, ки ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии таърихиро меомӯзад.

**ДИПЛОМА́ТИЯ**, [фр. diplomatie < *дипломатия*]. **1**. Фаъолияти расмии сардорони давлатҳо, ҳукуматҳо ё мақомоти махсуси корҳои хориҷӣ дар роҳи амалӣ кардани мақсаду вазифаҳои сиёсати берунии давлат, инчунин ҳимояи манфиатҳои вай дар хориҷа. **2**. *маҷ*. Муносибати моҳирона бо одамон, зиракию дилёбӣ.

**ДИПЛОПИ́Я**, [< юн. diploos ҷуфт + ops чашм]. *тиб*. Дубинӣ; аҳвалӣ; нуқси чашм, ки ҳангоми он як чиз ду чиз намояд.

**ДИПЛО́Т**, [ҳол. dieplood]. Асбоби дастӣ барои чен кардани чуқурии то 200 м.

**ДИПО́Л (ДИПО́ЛЬ)**, [< юн. di(s) ҷуфт + polos қутб]. **1**. *физ*. Ду заряди электрии бузургиашон баробар, аммо аломаташон гуногуне, ки на чандон дур аз якдигар ҷойгир шудаанд. **2**. *тех*. Мавҷгир (*антенна*) барои қабули мавҷҳои кӯтоҳ.

**ДИПСОМА́НИЯ**, [< юн. dipsa ташнагӣ + …*мания*]. *тиб*. Беморӣи майзадагӣ. || Мқс. алкоголизм.

**ДИПТЕРОЛО́ГИЯ**, [< *диптерҳо* + …*логия*]. *зоол*. Соҳаи ҳашаротшиносӣ (*энтомология*), ки дуболаҳоро меомӯзад.

**ДИ́ПТЕРҲО**, [< юн. di(s) ҷуфт + pteron бол]. *зоол*. Дуболаҳо; гурӯҳи ҳашароте, ки фақат як ҷуфт болашон инкишоф ёфтааст (магас, хомӯшак, парвона ва ғ.).

**ДИРЕКТИ́ВА**, [фр. directive < лот. dirigere равона кардан, ҳидоят кардан]. Амр, фармон, дастуре, ки мақоми болоӣ ба мақоми поёнӣ ё роҳбар ба тобеон медиҳад.

**ДИРЕ́КТОР**, [лот. director]. **1**. Роҳбари корхона, муассиса. **2**. Дар мамлакатҳои англисизабон – таҳиягари филм (*кинорежиссёр*).

**ДИРЕКТОРА́Т**, [< *директор*]. Ҳайати директорони муассисаи калон бо роҳбарии сардиректор (директори генералӣ).

**ДИРЕКТО́РИЯ**, [< лот. directorium идора кардан, роҳбарӣ намудан]. **1**. *таър*. Мақоми идоракунии давлатие, ки аз 5 вазири Ҳукумати муваққатӣ иборат буд ва ба он А. Ф. Керенский (аз 14 сентябр то 25 сентябри с. 1917) роҳбарӣ мекард. **2**. *инф*. Ҷузвдони компютерӣ – махзани электронии файлҳое, ки дар *сидиром* ё *дискет* нигоҳ дошта мешаванд.

**ДИРЕКТРИ́СА**, [лот. directrix самтгир]. **1**. *геом*. Хати росте, ки дар ҳамвории буриши конусӣ (*эллипс, гипербола, парабола*) воқеъ гашта, чунин хусусият дорад: нисбати масофаи байни нуқтаи дилхоҳи хати каҷ ва *фокус* бар масофаи байни он ва хати рости мазкур бузургии доимист, ки ба *экссентриситети* хати каҷи мувофиқ баробар аст. **2**. *ҳарб*. Самт (минтақа, *сектор*)-и муайян дар машқгоҳи артиллерӣ, ки барои нишонгирӣ ва тӯппаронӣ тайёр карда шудааст.

**ДИРЕ́КСИЯ (ДИРЕ́КЦИЯ)**, [лот. directio]. Мудирият; идораи маъмурии корхона ё муассиса бо роҳбарии директор.

**ДИРИЖА́БЛ (ДИРИЖА́БЛЬ)**, [фр. dirgeable идорашаванда]. *Аэростати* идорашавандаи муҳаррикдор. || Мқс. аэростат.

**ДИРИЖЁ́Р**, [фр. diriger идора кардан]. Шахсе, ки *оркестр, хор,* намоишҳои опера ва балетро бо ёрии имову ишора ва чӯбча идора мекунад.

**ДИРҲА́М**, [ар. < лот. drachme]. **1**. Воҳиди пули Марокаш (100 сентимо) ва Аморати Муттаҳидаи Араб (100 филс). **2**. Андозаи вазни металлҳои қиматбаҳо дар Миср ва Судон, ки ба 3,12 г баробар аст.

**ДИС…**, **ДИЗ…**(пеш аз садонокҳо), [< лот. dis…]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки номувофиқатӣ, душворӣ, маҳрумият, вайронӣ, ҷудо ё инкор карданро ифода менамояд, мас., *дисгармония, дизурия*; бо пешвандҳои «бе», «но»-и тоҷикӣ мувофиқ меояд.

**ДИСАХАРИ́ДҲО**, [< *ди…* + *моносахаридҳо*]. *хим*. Карбогидартҳое, ки молекулаашон аз ду боқимондаи *моносахаридҳо* таркиб ёфтааст; намудҳои асосии Д. – *лактоза, малтоза, сахароза*.

**ДИСБАКТЕРИО́З**, [< *дис…* + *бактерияҳо*]. *тиб*. Тағйир ёфтани таркиб ва таносуби миқдории *микрофлораи* узвҳои ковок (мас., рӯда) ва дар натиҷа инкишоф ёфтани микробҳои ба ин узв хоснабуда; бо таъсири *антибиотикҳо* ва ғизои номувофиқ пайдо мешавад.

**ДИСБАЛА́НС**, [< *дис…* + *баланс*]. **1**. *тех*. Ҳаракати номавзуни қисмҳои тобхӯрандаи мошин (навардҳо, тасмачархҳо, *турбинаҳо*, *роторҳо* ва ғ.) дар натиҷаи номутаносиб ҷойгир шудани онҳо нисбати тири чархзананда. **2**. *маҷ*. Нобаробарӣ, номувозанатӣ; вайрон шудани баробарӣ ё мувозанати ҷузъҳои ягон раванд, фаъолият ва ғ., мас., Д.-и воридот ва содирот.

**ДИСГАРМО́НИЯ**, [< *дис…* + *гармония*]. **1**. *мус*. Ноҷӯрии оҳанг; ноҳамоҳангӣ. **2**. Номувофиқатӣ; номутаносибӣ; номувозанатӣ; ба якдигар мувофиқат накардани қисмҳои як чизи бутун (баръакси *гармония*).

**ДИСГИДРО́З**, [< *дис…* + юн. hidros арақ]. Дамидани обилачаҳо дар пӯсти кафи дасту по, баъзан дар ангуштон.

**ДИСИА́Н (ДИЦИА́Н)**, [< *ди…* + *сиан*]. *хим*. Гази заҳрноке, ки молекулааш аз ду атоми карбон ва ду атоми азот иборат аст.

**ДИСК**, [< юн. diskos]. **1**. Лаълича; қурс; чизи даврашакли ҳамвор. **2**. *варз*. Ҷиҳози лаъличамонанди варзиш барои ҳаво додан, ки чӯбин буда, зеҳи оҳанин дорад. **3**. Тирдони доирашакли пулемёт ё автомат. **4**. *инф*. Д.-и магнитӣ – лаъличае, ки дар ҳомили магнитии он ин ё он иттилоот сабт шудааст.

**ДИСКА́НТ**, [< лот. discantus]. Овози баланди бачагона ва сарояндае, ки чунин овоз дорад; бо *сопранои* занона мувофиқ меояд.

**ДИСКВАЛИФИКА́ТСИЯ (ДИСКВАЛИФИКА́ЦИЯ)**, [< *дис…* + *квалификатсия*]. **1**. Ба вазифае, мансабе ё коре номуносиб, нолоиқ, ноқобил донистани касе. || Мқс.

деквалификатсия. **2**. Аз ҳуқуқи иштирок дар мусобиқа маҳрум намудани варзишгар бо сабаби вайрон кардани қоида ё одоби варзиш.

**ДИСКЕ́ТА**, [англ. diskette < *диск*]. *инф*. Ҳомили дорои қурси (*диски*) чандири магнитӣ барои нигоҳдорӣ ва интиқоли иттилооти компютерӣ. || Мқс. винчестер².

**ДИСК-ЖОКЕ́Й**, [англ. disk-jockey]. Ниг. *диджей (диҷей)*.

**ДИ́СКО**, [англ. disco]. *мус*. Оҳанги мавҷноки на чандон мураккаби рақсӣ.

**ДИСКОБО́Л**, [юн. diskobolos]. *варз*. Варзишгар – ҳаводиҳандаи *диск*; дискпарто.

**ДИСКОМФО́РТ**, [англ. discomfort]. Шароити номусоид ва нороҳаткунандаи ҳаёт; Д.-и ботинӣ – изтироб, ташвиш, нороҳатӣ, нобоварӣ ба қувваи худ, тарсу ҳарос, беқарорӣ ва дигар ҳолатҳои манфии рӯҳӣ.

**ДИСКО́НТ**, [англ. discount]. **1**. Баҳисобгирии *вексел*. **2**. Фоизпулие, ки бонкҳо ҳангоми баҳисобгирии векселҳо меситонанд. **3**. Арзон кардани нархи мол, агар сифати он ба *стандарт, сертификат* ва ғ. ҷавобгӯ набошад. || Мқс. декорт. **4**. Дар муомилаҳои биржавӣ ва асъорӣ – фарқи байни номинали коғази қиматнок ва қурби биржавии он.

**ДИСКОНТӢ**, [< *дисконт*]. Мансуб ба *дисконт*; сиёсати Д. – маҷмуи тадбиру чораҷӯиҳое, ки бонки *эмиссионии* марказӣ ба воситаи он фоизи ҳисобиро аз рӯи уҳдадориҳои кӯтоҳмуддат ба тартиб медарорад; корти Д. – корти пласикӣ ё картоние, ки ба соҳибаш ҳуқуқ медиҳад, дар фурӯшгоҳ, маркази хизматрасонӣ, дорухона, ширкати ҳавопаймоӣ, устохонаи таъмири автомобил, кошонаи ҳусн ва ғ. аз тахфиф истифода барад.

**ДИСКОТЕ́КА**, [< юн. diskos диск + theke анбор]. **1**. Махзани *дискҳои* лазерӣ ва қартаҳои граммофонӣ. || Мқс. фонотека. **2**. *Клуби* рақсу мусиқии ҷавонон. **3**. *гуфт*. Шабнишинии ҷавонон, ки одатан бо рақсу мусиқӣ ва шӯхию бозиҳои гуногун мегузарад.

**ДИСКОФИ́Л**, [< юн. diskos диск + …*фил*]. Дӯстдор ва ҷамъкунандаи ҳар гуна дискҳои лазерӣ.

**ДИСКРЕДИТА́ТСИЯ (ДИСКРЕДИТА́ЦИЯ)**, [< *дис*… + лот. credo бовар мекунам]. Беобрӯ (беэътибор, бадном, шарманда) кардани касе.

**ДИСКРЕТИЗА́ТСИЯ (ДИСКРЕТИЗА́ЦИЯ),** [< лот. discretus тақсимшуда, мунфасил]. Аз рӯи қонуни муайяне ифода намудани ягон бузургӣ дар шакли қатори пайдарҳами унсурҳои алоҳидаи он. || Мқс. квантонӣ.

**ДИСКРЕТӢ**, [лот. discretus]. Мунфасил; ҷудо-ҷудо; аз ҷузъҳои алоҳида иборатбуда.

**ДИСКРЕ́ТСИЯ (ДИСКРЕ́ЦИЯ)**, [лот. discretio]. Масъалаеро бо салоҳдиди худ ҳал кардани шахси мансабдор ё мақомоти давлатӣ.

**ДИСКРИМИНА́НТ**, [< лот. discriminare ҷудо кардан, фарқ кардан]. *мат.* Ифодае, ки аз бузургиҳои муайянкунандаи функсияи додашуда таркиб ёфта, ба сифр табдил ёфтани он аз меъёр дуршавии функсияро мефаҳмонад.

**ДИСКРИМИНА́ТОР**, [< лот. discriminare ҷудо кардан]. *физ., тех.* Ҷиҳози радиоэлектронӣ барои аз мавҷҳои мураккаби электрӣ ҷудо кардани сигналҳои матлуб; бо ёрии Д. параметрҳои сигнали электрӣ бо ҳамин гуна параметрҳои сигнали стандартӣ баробар карда мешаванд.

**ДИСКРИМИНА́ТСИЯ (ДИСКРИМИНА́ЦИЯ)**, [< лот. discriminare ҷудо кардан]. **1**. Табъиз; маҳдуд ё поймол намудани ҳуқуқҳои шаҳрванд (гурӯҳи шаҳрвандон) аз рӯи нишонаи нажодӣ, динӣ, мансубияти миллӣ ва ғ. || Мқс. апартеид, сегрегатсия. **2**. Дар муносибатҳои байналхалқӣ – барои намояндагон, ташкилот ё шаҳрвандони як давлат муқаррар намудани ҳуқуқу имтиёзҳои камтар, нисбат ба намояндагон, ташкилот ё шаҳрвандони давлати диг.

**ДИСКУ́РС**, [< фр. discours нутқ]. Нутқ ё матне, ки дар он шартҳои амалисозии ин ё он масъала баён ёфтаанд.

**ДИСКУРСӢ**, [< *дискурс*]. *фалс.* Мантиқӣ; ақлӣ.

**ДИСКУ́ССИЯ**, [< лот. discussion тадқиқот]. Мубоҳиса; муҳокимаи ин ё он масъала дар маҷлис, суҳбат ё дар ВАО.

**ДИСЛАЛИ́Я**, [< *дис…* + юн. lalia сафсатта, ҳарза]. *тиб.* Сақавӣ; лакнати забон; гирифтани забон ҳангоми сухан гуфтан.

**ДИСЛОКА́ТСИЯ (ДИСЛОКА́ЦИЯ)**, [< *дис…* + locus ҷой, мавқеъ]. **1**. *ҳарб.* Дар ҳудуди мамлакат дар давраи осоишта ҷо ба ҷо гузоштани қисмҳои ҳарбӣ, муассисаҳои ҳарбӣ ва муассисаҳои таълимии ҳарбӣ. **2**. *геол.* Вайроншавии шакли аввалаи хобиши ҷинсҳои кӯҳӣ дар натиҷаи ҳаракатҳои тектоникии қишри Замин, *магматизм*, *метаморфизм* ва равандҳои *экзогенӣ* (ҳаракати пиряххо, ярч, эрозияи дарёҳо ва ғ.). **3**. *тиб.* Беҷошавии ягон узви бадан, мас., устухонҳо.

**ДИСМЕНОРЕ́Я**, [< *дис…* + юн. men моҳ + rheo ҷорӣ мешавам]. *тиб.* Вайрон шудани низоми ҳайз, ки бо дард, нотобӣ ва дилбеҳузурӣ зоҳир мегардад; ҳайзи дарднок.

**ДИСПАНСЕ́Р**, [фр. dispensaire < лот. dispensare тақсим кардан]. Муассисаи махсуси тиббӣ барои пешгирӣ, муоина ва табобати баъзе бемориҳо, мас., сил. || Мқс. госпитал.

**ДИСПАНСЕРИЗА́ТСИЯ (ДИСПАНСЕРИЗА́ЦИЯ)**, [< *диспансер*]. Маҷмуи тадбирҳои пешгириву муолиҷаи бемориҳо, ки аз ҷониби *диспансерҳо*, дармонгоҳҳо, беморхонаҳо, машваратгоҳҳои занон ва кӯдакон, духтурони мактабҳо ва корхонаҳо амалӣ карда мешавад.

**ДИСПЕПСИ́Я**, [< *дис…* + юн. pepsis ҳазми хӯрок]. *тиб.* Вайроншавии кори меъдаву рӯда; ихтилоли ҳозима; душвории гувориши (ҳазми) ғизо, ки бо зардаҷӯш, оруғ, дамшавии шикам, дарунравӣ ва ғ. зоҳир мегардад. || Мқс. атрепсия.

**ДИСПЕРСИОНӢ**, [< лот. dispersus пароканда, пошхӯрда]. Судашуда; гард-гард кардашуда; м у ҳ и т и  Д. – муҳите, ки дар он зарраҳои моддаи судашуда паҳн гардидаанд.

**ДИСПЕРСӢ**, [< лот. dispersus пароканда, пошхӯрда]. *физ., хим.* **1**. Системаи Д. – системае, ки аз заррахои ин ё он моддаи судашуда иборат аст. **2**. Ҳолати Д. – яке аз ҳолатҳои модда дар шакли заррахои хурд.

**ДИСПЕ́РСИЯ**, [< лот. dispersus пароканда, пошхӯрда]. **1**. *мат.* Дар назарияи эҳтимолият ва омори математикӣ – меъёри парокандашавӣ, дуршавӣ аз қимати миёна. **2**. *хим., физ*. Ба заррахо ҷудо шудани модда; судашавии модда.

**ДИСПЕ́ТЧЕР**, [англ. dispatcher]. Корманде, ки аз як марказ бо ёрии компютер, камераҳо, воситаҳои алоқа ва ғ. ҳаракати нақлиёт ё кори корхонаро идора ва танзим менамояд.

**ДИСПЛАЗИ́Я**, [лот. displasia]. *тиб.* Нодуруст сабзидани бофтаҳо, узвҳо ё қисмҳои бадан. || Мқс. аплазия.

**ДИСПЛЕ́Й**, [< англ. display нишон додан]. Ҷиҳози *компютер* ё асбобҳои дигари электронӣ барои дар *экран* нишон додани иттилоот (дар шакли матн, ҷадвал, нақша, сурат ва ғ.).

**ДИСПНО́Э**, [< *дис…* + юн. pnoe нафас]. *тиб.* Нафастангӣ; дамкӯтаҳӣ; душвор шудани нафаскашӣ. || Мқс. апноэ, астма, асфиксия.

**ДИСПОЗИТИВӢ**, [лот. dispositivus]. *ҳуқ.* Ихтиёрӣ; аз рӯи интихоб; баръакси *императивӣ*.

**ДИСПОЗИ́ТСИЯ (ДИСПОЗИ́ЦИЯ)**, [< лот. dispositio тақсим]. **1**. *ҳуқ*. Қисми муайяни санади қонунгузорӣ (кодекс, қонун ва ғ.), ки дар он ҷамъи аломатҳои ҷиноят тасвир шудааст. **2**. *ҳарб*. Нақшаи ҷобаҷогузории лашкар барои амалиёти ҷангӣ; нақшаи бо тартиби муайян ҷо ба ҷо кардани киштиҳои ҳарбӣ дар вақти истодан ё шино кардани онҳо. || Мқс. дислокатсия. **3**. *ҳарб*. Фармони хаттӣ ба кӯшунҳо дар шароити ҷанг.

**ДИСПОНЕ́НТ**, [< лот. disponens тақсимкунанда]. **1**. Шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки дар суратҳисоби комиссионерҳо ё муросилони бонк маблағҳои озод дорад. **2**. Шахсе, ки барои корҳои ташкилот, ширкат ваколатдор мебошад; мудир.

**ДИСПРО́ЗИЙ**, [< юн. disprositos дастнорас]. Элементи химиявӣ, металли гурӯҳи III системаи даврӣ (Dy) аз оилаи *лантаноидҳо*.

**ДИСПРОПО́РСИЯ (ДИСПРОПО́РЦИЯ)**, [< *дис…* + *пропорсия*]. Номутаносибӣ; бо якдигар мувофиқ набудани ҷузъҳои чизи том.

**ДИ́СПУТ**, [< лот. disputo баҳс мекунам]. **1**. Мубоҳисаи оммавӣ дар мавзуъҳои муҳими илмӣ, адабӣ, ҷамъиятӣ, сиёсӣ ва ғ. || Мқс. дебат, дискуссия, полемика. **2**. Муҳокимаи оммавии рисолае, ки барои гирифтани унвони илмӣ навишта шудааст.

**ДИСПУТА́НТ**, [< *диспут*]. Баҳскунанда; шахсе, ки дар мубоҳиса (*диспут*) фаъолона иштирок мекунад.

**ДИССЕ́КТОР**, [< лот. dissecare пароканда кардан]. *тех*. Найчаи фиристандаи телевизионӣ, ки дар он тасвири оптикӣ ба сигнали электрӣ табдил дода мешавад. || Мқс. видикон, кинескоп.

**ДИССЕМИНА́ТСИЯ (ДИССЕМИНА́ЦИЯ)**, [< лот. disseminatio парокандашавӣ, паҳншавӣ]. *тиб*. Паҳншавии барангезандаи бемории дар бадан ба воситаи рагҳои хунгард, лимфаҳо ва зардобпардаҳо (серозпардаҳо).

**ДИССЕРТА́НТ**, [< лот. dissertans пажӯҳишгар, муҳаққиқ]. Шахсе, ки барои гирифтани унвони илмӣ рисолаи илмӣ (*диссертатсия*) менависад ва ҳимоя мекунад.

**ДИССЕРТА́ТСИЯ (ДИССЕРТА́ЦИЯ)**, [< лот. dissertatio пажӯҳиш, тадқиқот]. Рисолаи илмие, ки муаллиф дар шӯрои илмӣ барои гирифтани унвони илмӣ ҳимоя мекунад.

**ДИССИДЕ́НТ**, [< лот. dissidens норозӣ, мухолиф]. **1**. Шахсе, ки аз дини ҳукмрон рӯй гардондааст; муртад. **2**. *мач*. Касе, ки бо идеологияи ҳукмрон розӣ нест; дигарандеш.

**ДИССИМИЛЯ́ТСИЯ (ДИССИМИЛЯ́ЦИЯ)**, [< лот. dissimilatio тафовутдошта]. **1**. *биол*. Вайроншавии моддаҳои органикии мураккаб дар организм ва ҷудо шудани энергияе, ки барои фаъолияти ҳаётӣ зарур мебошад; муқобили *ассимилятсия*; *катаболизм* низ гӯянд. **2**. *збш*. Тағйир ёфтани овозҳо ҳангоми нутқ, ки аз ду овози якхела ё ба якдигар монанд яке ба овози дигар бадал мешавад, мас., анбор – амбор, автобус – афтобус.

**ДИССИМУЛЯ́НТ**, [< *диссимулятсия*]. Шахсе, ки бемориӣ ё нуқсони бадани худро пинҳон мекунад.

**ДИССИМУЛЯ́ТСИЯ (ДИССИМУЛЯ́ЦИЯ)**, [< лот. dissimulatio пинҳон кардан]. *тиб*. Қасдан пинҳон доштани беморӣ ё аломатҳои он.

**ДИССИПА́ТСИЯ (ДИССИПА́ЦИЯ)**, [< лот. dissipatio парокандашавӣ]. *физ*. **1**. Бадалшавии энергияи ҳаракаташ мураттаб (мас., қувваи ҷараёни электр) ба энергияи зарраҳои ҳаракаташон бетартибона (мас., гармӣ). **2**. Аз атмосфера ба фазои кайҳон бухор шудани газҳо.

**ДИССОНА́НС**, [< лот. dissonans гуногунсадо]. **1**. *мус*. Ноҷӯрии овози мусиқӣ; дар як вақт садо додани як ё якчанд савти ноҷӯр. || Мқс. диафония. **2**. *мач*. Номувофиқатӣ; номутаносибӣ; номувозанатӣ; вуҷуд надоштани *гармония*. || Мқс. дисгармония. **3**. *адш*. Вуҷуд надоштани қофия; риоя нашудани қофия дар шеър.

**ДИССОТСИА́ТСИЯ (ДИССОЦИА́ЦИЯ)**, [< лот. dissociatio ҷудошавӣ]. **1**. *хим*. Ба қисмҳои содатари таркибӣ – *атомҳо, радикалҳо* ё *ионҳо* ҷудо шудани молекулаҳои модда. || Мқс. ассотсиатсия. **2**. *психол*. Ихтилоли шахсият ва шуур дар натиҷаи вайрон шудани ҳамбастагии равандҳои рӯҳӣ (психикӣ).

**ДИСТАЛӢ**, [< лот. distare дар канор ҷойгиршуда]. Дур аз маркази бадан ё дур аз узви асосӣ ҷойгиршуда (мас., қисми Д.-и даст – панҷа, рагҳои Д. – рагҳои дур аз дил воқеъшуда); муқобили *проксималӣ*.

**ДИСТЕ́Н**, [англ. disthene]. *маъд.* Минерале, ки аз силикати алюминий таркиб ёфтааст ва аз он маснуоти ба оташ, кислота ва ишқор тобовар тайёр мекунанд; *кианит* низ гӯянд.

**ДИСТИЛЛА́Т**, [< лот. distillatio қатра-қатра чакидан]. Ниг. *дистиллят.*

**ДИСТИЛЛЯ́Т**, [< лот. distillatio қатра-қатра чакидан]. Араки моеи буғшуда, ки қатра-қатра чакида ҷамъ мешавад.

**ДИСТИЛЛЯ́ТСИЯ (ДИСТИЛЛЯ́ЦИЯ)**, [< лот. distillatio қатра-қатра чакидан]. *тех., хим.* Тақтир; буғронӣ; аз ҳам ҷудо кардани моеоти омехтае, ки аз якдигар бо ҳиссаҳои таркибиашон фарқ мекунанд.

**ДИСТИМИ́Я**, [< *дис…* + юн. thymos рӯҳия]. *тиб.* Рӯҳафтодагӣ; афсурдаҳолӣ. ‖ Мқс. абулия, апатия, депрессия.

**ДИ́СТИХ**, [юн. distichon]. *адш.* Дар назми аҳди атиқа – байти ҳикматнок.

**ДИСТО́РСИЯ**, [< лот. distortio каҷшавӣ]. **1**. *физ.* Яке аз намудҳои *аберратсия*; тасвири ашёро каҷ нишон додани системаҳои оптикӣ. **2**. *тиб.* Ёзидан ё канда шудани бандҳои буғум.

**ДИСТРЕ́СС**, [англ. distress]. *тиб.* Ташаннуҷи вазнини рӯҳӣ, ки барои организм оқибатҳои манфӣ дошта метавонад; стресси (ниг. *стресс*) сахти бемориовар.

**ДИСТРИБУТИВӢ**, [< лот. distributivus тақсимшавандагӣ]. **1**. *мат.* Қонуни Д. – қонуни тақсимотӣ, ки вобастагии байни ду амалро ифода мекунад; мас., Д.-и амалҳои ҷамъ ва зарб бо баробарии $a\ (b+c) = ab+ac$ ифода меёбад. **2**. *збш.* Таҳлили Д. – усули таҳқиқоти забоншиносӣ, ки ҳангоми он таснифи воҳидҳои забонӣ ва омӯзиши хусусиятҳои онҳо дар асоси ҷойгиршавии (*дистрибутсияи*) онҳо дар матн сурат мегирад.

**ДИСТРИБУТОР**, [< лот. distributio тақсим кардан]. Ниг. *дистрибютор.*

**ДИСТРИБУ́ТСИЯ (ДИСТРИБУ́ЦИЯ)**, [< лот. distributio тақсим кардан]. **1**. Тақсим ва ҷобаҷо кардани мол дар бозори фурӯш. **2**. *збш.* Тақсимшавии воҳидҳои забонӣ дар ҷараёни нутқ ё дар системаи забон, мувофиқати қонунии онҳо бо якдигар.

**ДИСТРИБЮ́ТОР (ДИСТРИБЬЮ́ТОР)**, [< лот. distributio тақсим кардан]. Миёнарав; шахс ё ширкате, ки дар асоси шартнома молҳои истеҳсолнамудаи ин ё он корхона, ширкатро дар бозори фурӯш тақсим ва ҷобаҷо мекунад.

**ДИ́СТРИКТ**, [< лот. districtus ноҳия]. Воҳиди маъмурию ҳудудӣ дар ИМА, Британияи Кабир ва баъзе мамлакатҳои диг. ‖ Мқс. губерния, департамент, штат.

**ДИСТРОФИ́Я**, [< *дис…* + юн. trophe ғизо]. *тиб.* Бадшавии фаъолияти ғизогирии ҳуҷайраҳо, узвҳо ё тамоми бадан дар натиҷаи вайрон шудани мубодилаи моддаҳо;

Д.-и алиментарӣ – бемориe, ки дар натиҷаи гуруснагии давомнок ба вуҷуд меояд; Д.-и кӯдакона – бемории кӯдаки ширмак, ки ба вайроншавии ҳазми хӯрок вобаста аст; Д.-и мушакҳои дил – ниг. *миокардиодистрофия*.

**ДИСФА́ГИЯ**, [< *дис…* + юн. fagein фурӯ бурдан, балъидан]. *тиб.* Халал ёфтани қобилияти фурӯбарии луқма; бо душворӣ фурӯ бурдани хӯрок.

**ДИСФОРИ́Я**, [лот. disphoria]. *тиб.* Як шакли хиратабъӣ, ки хусусияти беморӣ дошта, ҳангоми он шахс тундмиҷоз, оташин ва одамгурез мешавад; бештар дар байни беморони рӯҳӣ, нашъамандон ва майзадагон ба мушоҳида мерасад.

**ДИСФУ́НКСИЯ (ДИСФУ́НКЦИЯ** ), [< *дис…* + *функсия*]. *биол., тиб.* Вайрон шудани кори ягон узви бадан.

**ДИСТСИ́Д (ДИСЦИ́Т)**, [лот. distsid]. *тиб.* Осеб дидани гирдачаҳои (дискҳои) байнимуҳравии сутунмуҳра.

**ДИУРЕ́З**, [юн. diuresis]. *тиб.* Ҳосил ва хориҷ шудани пешоб.

**ДИУРЕ́ТИКҲО**, [< юн. diuresis]. *тиб.* Доруҳои пешоброн.

**ДИФЕНИ́Л**, [< *ди…* + *фенил*]. *маъд.* Кристаллҳои сахти беранг; карбогидриди хушбӯ, ки дар таркиби қатрони ангиштсанг вуҷуд дорад; аз Д. ранг ва қатронҳои синтетикӣ ҳосил мекунанд.

**ДИФИРА́МБ**, [юн. dithyrambos]. **1**. Дар аҳди атиқа – суруди ботантана (*гимн*) ба шарафи худо Дионис. **2**. *адш.* Мадҳия. **3**. *маҷ.* Таърифи муболиғанок; ҳамду сано.

**ДИФМАНО́МЕТР**, [< *дифференсиалӣ…* + *манометр*]. *физ.* Асбоб барои чен кардани тағйирёбии (пасту баланд шудани) фишор.

**ДИФОСГЕ́Н**, [< *ди…* + *фосген*]. *хим.* Пайвасти органикӣ, моеи беранги заҳрнок, ки аз он бӯи пахоли пӯсида меояд; дар ҷанги якуми ҷаҳон чун аслиҳаи химиявӣ – моддаи нафасгиркунанда истифода шуда буд. ‖ Мқс. зарин, иприт, табун, фосген.

**ДИФРА́КСИЯ (ДИФРА́КЦИЯ)**, [< лот. diffractus шикаста]. *физ.* Канори монеаро тоб хӯрда гузаштани мавҷ; Д.-и зарраҳо – пошхӯрии *эластикии* микрозарраҳо (электронҳо, нейтронҳо ва ғ.) аз кристаллҳо, молекулаҳо, атомҳо ва ядрои онҳо; Д.-и рӯшноӣ – аз сӯрохи хурд, канори қурс (*диск*), теғаи ҷисмҳои шаффоф ё ношаффоф тоб хӯрда гузаштани рӯшноӣ. ‖ Мқс. аберратсия.

**ДИФТЕРИ́Я**, [< юн. diphtheria]. *тиб.* Гулӯзиндонак, хуноқ; бемории шадиди сироятӣ, ки боиси газаки луобпардаи гулӯ ва ханҷара, инчунин иллати узвҳои гуногун мегардад; ба Д. заҳролудии умумии организм хос аст; *дифтерит* низ гӯянд. ‖ Мқс. скарлатина.

**ДИФТО́НГ**, [< *ди(с)…* + юн. phthongos овоз]. *збш.* Ба ҳам пайваста омадани ду ҳарфи садонок дар як ҳиҷо, мас., au, ai дар заб. англисӣ.

**ДИФФАМА́ТСИЯ (ДИФФАМА́ЦИЯ)**, [< лот. diffamare фош кардан, бобрӯ намудан]. Дар ВАО чоп кардан (шунавондан, нишон додан)-и маводе, ки обрӯи ягон касро мерезонад. || Мқс. дискредитатсия.

**ДИФФЕРЕНСИА́Л (ДИФФЕРЕНЦИА́Л)**, [< лот. differentia тафовут, фарқ]. **1**. *мат*. Ба қадри дилхоҳ афзудани бузургии мустақили тағйирёбанда. **2**. *тех*. Механизми махсуси автомобил, трактор, танк ва ғ., ки ба воситаи он ду чархи ба як тир пайвастшуда бо суръатҳои гуногун гирд гашта метавонанд.

**ДИФФЕРЕНСИАЛӢ (ДИФФЕРЕНЦИАЛӢ)**, [< лот. *дифференсиал*]. *мат*. Мансуб ба *дифференсиал;* г е о м е т р и я и  Д . – қисми геометрия, ки объектҳои геометриро бо ёрии ҳисоби дифференсиалӣ меомӯзад; ҳ и с о б и  Д . – қисми математикаи олӣ, ки *дифференсиатсияи* функсияҳоро меомӯзад; *збш*. а л о м а т и  Д . – аломати фарққунанда, унсур ё хусусияти воҳиди забон (мас., фонема).

**ДИФФЕРЕНСИА́ТСИЯ (ДИФФЕРЕНЦИА́ЦИЯ)**, [< лот. differentia тафовут, фарқ]. Тафриқа; фарқгузорӣ; ба унсурҳои гуногун тақсим кардани ягон чиз. || Мқс. дезинтегратсия, стратификатсия.

**ДИФФУ́ЗИЯ**, [< лот. diffusio паҳншавӣ]. *физ., хим*. Дохил шудани молекулаҳои як модда ба моддаи дигар ҳангоми ба якдигар расидани онҳо.

**ДИФФУЗӢ**, [< лот. diffusio паҳншавӣ]. Мансуб ба *диффузия*; р ӯ ш н о и и  Д . – рӯшноии пароканда; а б р ҳ о и  Д . – абрҳои байни ситораҳо, ки аз газу чанг иборатанд;

**ДИФФУЗО́Р**, [< лот. diffusio паҳншавӣ]. **1.** *Мембранаи* баландгӯяк. **2**. Қисми васеъшавандаи *канал* ё қубур, ки дар он суръати ҷараёни моеъ ё газ торафт суст ва фишор зиёд мешавад. **3.** Қисми насоси марказгурез, ки дар он энергияи ҳаракати моеъ, буғ ё газ ба энергияи фишор табдил меёбад. **4**. Дастгоҳ барои ҷудо карда гирифтани ин ё он модда аз омехтаҳо.

**ДИХОГА́МИЯ**, [< юн. dicha ҷудо, алоҳида + gamos ҷуфтшавӣ]. *бот*. Дар вақтҳои гуногун ба балоғат расидани узвҳои ҷинсии нарина ва модина дар худи ҳамон як растанӣ. || Мқс. гомогамия.

**ДИХОТОМИ́Я**, [< юн. dicha ҷудо, алоҳида + tome буриш, чок]. **1**. Яке аз намудҳои тасниф – ба ду қисм ҷудо кардани ягон чизи бутун, ки ҳар кадоме аз ин қисмҳо дар навбати худ боз ба ду қисм ҷудо мешавад. **2**. *бот*. Навдадавонии растанӣ, ки ҳангоми он як навда ба ду навдаи нав ҷудо мешавад ва ҳар кадоми онҳо баробар инкишоф меёбанд.

**ДИХРОМА́ТҲО**, [< *ди…* + *хроматҳо*]. Ниг. *бихроматҳо*.

**ДИЭЛЕ́КТРИК**, [< юн. dia ба воситаи + elektron каҳрабо]. Моддаи сахт, моеъ ё газшакле, ки ҷараёни электрро аз худ намегузаронад ё хеле суст мегузаронад.

**ДО**, [ит. do]. *мус*. Яке аз овозҳои мусиқӣ – дараҷаи якуми қаторовози *диатоникии* асосӣ. || Мқс. ми, ля.

**ДОБЕРМА́Н-ПИ́НЧЕР**, [< ол. Dobermann Pinscher]. Зоти сагҳои борикбадани кӯтоҳпашм, ки охирҳои асри 19 дар Олмон ба вуҷуд оварда шудааст. || Мқс. боксёр, булдог, дог.

**ДОГ**, [< англ. dog]. Зоти сагҳои калони кӯтоҳпашм.

**ДО́ГМА**, [< юн. dogma ақида, таълимот, қарор, ҳукм]. Ҳолат ё ақидае, ки айни ҳақиқат дониста мешавад ва дар ҳама гуна шароит тағйир намеёбад.

**ДОГМА́Т**, [< юн. dogma ақида, таълимот, қарор, ҳукм]. Аҳкоми дин; қоидаю қонунҳое, ки онҳоро калисо ҳақиқати баҳснопазир эълон намуда, танқиди онҳоро нораво медонад.

**ДОГМАТИ́ЗМ**, [< юн. dogma ақида, таълимот, қарор, ҳукм]. Аҳкомпарастӣ; тафаккури яктарафа ва шахшудамондае, ки ба *догмаҳо* ва эътиқоди кӯркӯрона ба ашхоси муътабар асос ёфтааст.

**ДОГМА́ТИК**, [< юн. dogma ақида, таълимот, қарор, ҳукм]. **1**. Одаме, ки ба тафаккури мустақилонаи интиқодӣ қодир нест; пайрави *догматизм*. **2**. Сурудхонӣ дар калисо ба шарафи модархудо.

**ДОГМА́ТИКА**, [< юн. dogma ақида, таълимот, қарор, ҳукм]. Шуъбаи илоҳиёт, фиқҳ, ки аҳкоми динро шарҳу тафсир медиҳад.

**ДОДЕКАФО́НИЯ**, [< юн. dodeka дувоздаҳ + phone овоз]. *мус*. Усули *композитсияи* мусиқӣ, ки ба инкор намудани ҷӯрии овозҳо ва эътирофи баробарии ҳамаи 12 лаҳни *гаммаи хроматӣ* асос меёбад.

**ДОДЕКА́ЭДР**, [< юн. dodeka дувоздаҳ + hedra тараф, асос]. *геом*. Дувоздаҳрӯя; аз 12 рӯя (панҷкунҷа), 30 теға, 20 қулла иборат аст. || Мқс. гексаэдр, куб, пирамида, тетраэдр.

**ДОЖ**, [ит. doge < лот. duc пешво]. *таър*. Дар асрҳои миёна – сардори давлат дар ҷумҳуриҳои Венетсия ва Генуя.

**ДО́ЗА**, [< юн. dosis]. Воя; меъёр; микдори муайяни ягон чиз, мас., дору.

**ДОЗА́ТОР**, [< *доза* + пасв. -атор]. Воягир; асбоб барои аниқ чен кардани микдор ё ҳаҷми муайяни ягон модда.

**ДОЗИ́МЕТР**, [< *доза* + *…метр*]. *физ*. Асбоб барои муайян кардани вояи (*дозаи*) шуоъафкании ионизатсиякунанда, ки ҷисмҳои зинда ва ғайризинда ба худ ҷаббидаанд.

**ДОЗИМЕ́ТРИЯ**, [< *доза* + *…метрия*]. *физ*. Яке аз фаслҳои физикаи амалӣ – маҷмуи усулҳои муайянсозии вояи (*дозаи*) шуоъафкании ионизатсиякунанда, дараҷаи ифлосиҳои радиоактивӣ, таъсири афканишоти радиоактивӣ ба организми зинда ва ғ.

**ДОЗО́Р**, [< рус. дозирать мушоҳида кардан, дидан]. *ҳарб*. Гурӯҳи хурди аскарон, киштиҳо, мошинҳо, ки барои *разведка*, дидбонӣ ҷудо карда шудаанд.

**ДО́ЙЧЛАНД**, [ол. Deutschland]. Номи немисии Олмон (Германия).

**ДОК**, [ҳол. dok, англ. dock]. Иншооти бандарӣ барои муоина, таъмир ва баъзан сохтани киштиҳо.

**ДОКЕ́МБРИЙ**, [< *кембрий*]. *геол.* Токембрий; қадимтарин қабати қишри Замин ва замони ташаккулёбии он (87% -и таърихи геологии Заминро ташкил медиҳад).

**ДО́КЕР**, [англ. docker]. Ҳаммоли бандар; коргари *док*.

**ДО́КТОР**, [лот. doctor муаллим]. **1**. Дар ИДМ – унвони илмие, ки одатан ба одамони дорои унвони номзади ин ё он илм баъди ҳимояи рисолаи докторӣ дода мешавад. **2**. Табиб, духтур, пизишк.

**ДОКТОРА́НТ**, [< *доктор* + пасв. -ант]. Олиме, ки рисолаи докторӣ менависад ва ба ҳимояи он тайёрӣ мебинад.

**ДОКТОРАНТУ́РА**, [< *докторант* + пасв. -ура]. Маҷмуи чорабиниҳо барои тайёр кардани докторҳои илм.

**ДО́КТОР ВЕБ**, [< *доктор* + web шабака]. *инф.* Барномаи зиддивирусӣ барои ошкор ва нобуд кардани вирусҳои компютер, инчунин барқарор намудани *файлҳои* вирусзада.

**ДОКТРИ́НА**, [лот. doctrina]. Таълимот, назарияи илмӣ ё фалсафӣ, принсипи асосии назариявӣ ё сиёсӣ. || Мқс. консепсия.

**ДОКТРИНЁ́Р**, [< лот. *доктрина*]. Шахсе, ки ба *доктринаи* кӯҳнашуда, назария ва қоидаҳои аз ҳаёти воқеӣ дур кӯр-кӯрона пайравӣ мекунад. || Мқс. схоласт.

**ДОЛЕРИ́Т**, [англ. dolerite]. *маъд.* Ҷинси кӯҳии магмавии таркибаш рухомӣ (базалтӣ); ҳамчун сангу сангпора дар сохтмон истифода мебаранд.

**ДОЛИХОКЕФА́ЛИЯ, ДОЛИХОТСЕФА́ЛИЯ (ДОЛИХОЦЕФА́ЛИЯ)**, [< юн. dolichos дароз + kephale сар]. *тиб.* Сардарозӣ; дарозсарӣ; вайронии таносуби бар ва дарозии сар.

**ДО́ЛЛАР**, [англ. dollar]. Воҳиди пули ИМА, Австралия, Зеландияи Нав, Канада ва як қатор мамлакатҳои диг., ки ба 100 сент баробар аст.

**ДОЛМА́, ДУЛМА́**, [турк]. Як навъ хӯроки мардуми Кавказ – гӯшти қимае, ки бо биринҷ омехта, ба барги ток печонда мепазанд. || Мқс. голубси.

**ДОЛОМИ́Т**, [фр. dolomite – аз номи геолог ва муҳандиси фаронсавӣ Доломйе]. *маъд.* Ҷинси кӯҳӣ, ки аз карбонати калсий ва карбонати магний иборат аст; дар металлургия, саноати шиша, саноати химия ва сохтмон истифода мешавад.

**ДОЛМЕ́Н (ДОЛЬМЕ́Н)**, [фр. dolmen < tol миз + men санг]. Сағонаи қадима; якчанд тахтасанги калонро болоиҳам ба тариқи амудӣ гузошта, бо тахтасанги вазнине мепӯшонданд ва дар он якчанд майит ва майитаро бо олот ва асбоби зинати аз биринҷӣ ё санг сохташуда дафн мекарданд.

**ДОМЕ́Н**, [< лот. dominium мулк]. **1**. *таър*. Замини феодал дар Аврупои ғарбии асримиёнагӣ; одатан дар Д. деҳқонони мутеъ ва безамин кор мекарданд. **2**. *физ*. Қитъаи хурди модда, ки аз қитъаҳои дигар бо хусусиятҳои физикии худ (электрикӣ, магнитӣ) фарқ мекунад. **3**. *инф*. Бахши *Интернет*, ки дорои аломати махсус мебошад ва ин аломат ба соҳаи ҳамон бахш ишора мекунад (мас.: com – домени тиҷоратӣ).

**ДОМЕСТИКА́ТСИЯ (ДОМЕСТИКА́ЦИЯ)**, [< лот. domesticus]. *зоол*. Хонагӣ (ром) кардани ҳайвонот; ба ҳайвони хонагӣ табдил додани ҳайвони ваҳшӣ.

**ДО́МИНА**, [лот. domina]. Зани император дар Рими Қадим.

**ДОМИНА́НТА**, [< лот. dominans ҳукмрон]. **1**. Ғояи бартариятнок, аломат ё қисми таркибии муҳимтарини ягон чиз. **2**. *физиол*. Манбаи ҳаяҷони муваққатан ҳукмфармо дар системаи марказии асаб, ки фаъолияти дигар марказҳои асабро бозмедорад.

**ДОМИНИО́Н**, [< лот. dominium мулк]. Мустамликаи худидоракунанда дар ҳайати Империяи Британия, ки баъдтар давлати мустақил дар ҳайати Иттиҳоди миллатҳои Британия гардид.

**ДОМИНО́**, [ит. domino < лот. dominus ҷаноб, хӯҷаин]. **1**. Либоси намоиши ниқобӣ (маскарадӣ) – плаши дарози кулоҳдор ва шахсе, ки чунин либос пӯшидааст. **2**. Як навъ бозии рӯимизӣ бо 28 хиштчаи холдоре, ки мувофиқи шумораи холҳо паиҳам гузошта мешаванд.

**ДОМИСИ́Л, ДОМИСИ́ЛИЙ (ДОМИЦИ́ЛЬ, ДОМИЦИ́ЛИЙ)**, [лот. domicilium ҷои истиқомат, ҷои будубош]. *ҳуқ*. Суроғаи ҳуқуқии шахс ё ташкилот.

**ДОМКРА́Т**, [ол. Daumkraft]. Олат барои бардоштани борҳои вазнин ба баландии аз якчанд см то якчанд м.

**ДОН**, [исп., ит. don < лот. dominus ҷаноб, хӯҷаин]. **1**. Шакли мурочиати боэҳтиромона ба мард дар Испания ва дигар мамлакатҳои испанизабон; пеш аз ном гуфта (навишта) мешавад; шакли занонааш – доня (донна). **2**. Унвони фахрии рӯҳониён ва дворянҳо дар Италия.

**ДОНГ**, [< вет.]. Воҳиди пули Ветнам, ки ба 10 хао ё 100 су баробар аст.

**ДОНЖО́Н**, [фр. donjon]. Дар асрҳои миёна – манорае, ки дар ягон ҷои душворгузари қалъа сохта мешуд ва муҳофизатгарони қалъа ҳангоми ҳамлаи душман ба он паноҳ мебурданд.

**ДОН-ЖУА́Н**, [аз номи Дон-Жуан – қаҳрамони шаҳватпарасти афсонаҳои испанӣ ва асарҳои бадеии нависандагони асрҳои 17-19]. *маҷ*. Шахси булҳавас, шаҳватпараст, занакабоз.

**ДО́НКА**, [< англ. donkey engine муҳаррики иловагӣ]. Насоси буғии поршендори киштӣ.

**ДОН КИХО́Т**, [аз номи Дон Кихот – қаҳрамони романи Сервантес «Дон Кихоти ламанчӣ»]. *маҷ*. Шахси хаёлпараст, содадил ва беғараз, ки барои идеалҳои дастнорас ва иҷронашаванда мубориза мебарад.

**ДО́ННА**, [ит., порт. donna хонум]. Дар Италия, Португалия ва баъзе мамлакатҳои диг. – хонум (шакли занонаи «дон»).

**ДО́НОР**, [< лот. donare бахшидан, саховат кардан]. **1**. *тиб*. Шахсе, ки ба беморон – *ретсипиентҳо* барои гузарондан хун ва барои кӯчонда шинондан бофта (пӯст) ё ягон узв (мас., гурда)-и худро медиҳад. **2**. *маҷ*. Мамлакат ё ташкилоте, ки ба мамлакат ё ташкилоти дигар (инчунин ба минтақаҳо, хоҷагиҳо, шахсони алоҳида) қарзи имтиёзнок медиҳад ё ёрии ройгони моддию молиявӣ мерасонад.

**ДО́НЯ (ДО́НЬЯ)**, [исп.]. Хонум; шакли занонаи «*дон*» дар мамлакатҳои испанизабон.

**ДО́ПИНГҲО**, [англ. doping < dope истифодаи маводи мухаддир]. **1**. Моддаҳое, ки қувваи ҷисмонӣ ва рӯҳии организмро муваққатан зиёд мекунанд; одатан барои ба даст овардани натиҷаҳои хуб дар мусобиқаҳои варзишӣ ба кор мебаранд; истифодаи Д аз с. 1967 манъ шудааст. **2**. *маҷ*. Ҳама гуна воситаҳое, ки организми хасташударо бардам мекунанд.

**ДОРМЕ́З**, [< фр. dormir хобидан]. Фойтуни калони сафарӣ, ки барои дар роҳ хобидан мувофиқ кунонда шудааст. || Мқс. дилижанс, кабриолет, кеб.

**ДОРСАЛӢ**, **ДОРЗАЛӢ** [< лот. dorsalis]. **1**. *анат*. Пуштӣ; тахтапуштӣ; ҳар чизе, ки дар пушти бадан ҷойгир шудааст. **2**. *збш*. Ҳ а м с а д о и Д . – ҳамсадои пуштизабонӣ.

**ДОС**, [англ. DOS < disk operating system]. *инф*. Системаи амалиётии дискӣ, ки барои кори барномаҳои гуногуни компютерӣ шароит муҳайё мекунад.

**ДОСАА́Ф**, [< рус. Добровольное общество содействия армии, авиации и флоту Ҷамъияти ихтиёрии ёрирасони армия, авиатсия ва флот]. Ташкилоти ихтиёрии меҳнаткашони собиқ СССР, ки бо мақсади ба армия, авиатсия ва флот ёрӣ расондан таъсис ёфта буд.

**ДОСЙЕ́ (ДОСЬЕ́)**, [< фр. dossier парванда]. **1**. Маҷмуи ҳуҷҷатҳо оид ба ягон масъала, кор ё шахс. **2**. Ҷузвдони (папкаи) чунин ҳуҷҷатҳо.

**ДОС-НАВИГА́ТОР**, [< DOS + *навигатор*]. *инф*. Маҷмуи барномаҳои компютерӣ, ки асосан барои сохтан, кӯчондан, нусхабардорӣ ва бойгонӣ кардани файлҳо дар системаи амалиётии ДОС хизмат мекунад.

**ДОТ**, [< рус. долговременная огневая точка нуқтаи оташфишонии дарозмуддат]. *ҳарб*. Истеҳкоме, ки аз санг, оҳан, бетон ва масолеҳи дигари бадошт сохта мешавад. || Мқс. ДЗОТ.

**ДОТА́ТСИЯ (ДОТА́ЦИЯ)**, [< лот. dotatio бахшиш]. Маблағе, ки аз буҷети давлатӣ ба минтақаҳо, корхонаҳо, хоҷагиҳо, ширкатҳо ва ғ. барои пӯшондани (ҷуброни) ягон зарар ё хароҷот ҷудо карда мешавад.

**ДОТСЕ́НТ (ДОЦЕ́НТ)**, [< лот. docens омӯзгор]. Мансаби омӯзгори мактаби олӣ дар баъзе мамлакатҳо, ки аз мансаби *профессор* поёнтар аст.

**ДОФАМИ́Н**, [< лот.]. *физиол. Медиатори* системаи асаб, маҳсули биосинтези *катехоламинҳо*, ки анҷомаҳои асаб ва қабати мағзии ғадудҳои болои гурда ҳосил мекунанд.

**ДРАБА́НТ**, [ол. Drabant]. *таър*. Муҳофиз; танпаноҳи сарлашкар ё сардори давлат дар як қатор мамлакатҳои Аврупо дар асрҳои 17 – 18.

**ДРА́ГА**, [англ. drag]. **1**. Мошини заршӯӣ; иншооти шиновар барои кофта баровардан ва шустани минералҳои зери об. **2**. Асбоби гидробиологӣ барои истихроҷ ва тадқиқи растанию ҳайвоноти зериобӣ.

**ДРА́ГЕР**, [< *драга*]. Коргари *драга*.

**ДРА́ГЛАЙН**, [англ. dragline]. Як навъ *экскаватор*, ки кафлези он бо ёрии симтанобҳо поёну боло мешавад; худи кафлези ҳамин экскаватор.

**ДРАГУ́НҲО**, [< фр. dragon]. *таър., ҳарб*. Аскарон ва афсарони савораи лашкари Росияи подшоҳӣ ва баъзе мамлакатҳои диг., ки ҳам савора ва ҳам пиёда ҷанг мекарданд.

**ДРАЖЕ́**, [фр. dragee]. **1**. Конфетҳои майдаи кулӯлашакл. **2**. Кулчадоруҳое, ки рӯяшон бо ягон ширавор, мас., *шоколад*, пӯшида шудааст (барои маълум нашудани таъми ногувори он).

**ДРАЙВ**, [англ. drive]. **1**. Дар теннисбозӣ яке аз зарбаҳои асосӣ, ки баъди он тӯбча тоб хӯрда парвоз мекунад. **2**. *жарг*. Ҳолати кайф, ҳаяҷони гуворое, ки одатан нашъамандон ҳис мекунанд.

**ДРА́ЙВЕР**, [англ. driver]. *инф*. **1**. Ҷиҳозе, ки аз РОМ-дискҳои компютерӣ (сидиром, винчестер, дискет) иборат буда, бо онҳо амалиётҳои гуногунро анҷом медиҳад (иттилоотро сабт мекунад, мехонад, ҳисоб мекунад ва ғ.). **2**. Барномаи компютерие, ки барои идора кардани ҷиҳозҳои гуногуни дохилию берунии компютер, мас., *принтер,сканер, видеокорт* ва ғ. хизмат мекунад. **3**. Омиле, ки ба рушди босуръати чизе ёрӣ мерасонад. **4**. Ронандаи автомобили сабукрав, такси.

**ДРАКО́Н**, [< юн. drakon мор]. **1**. Аждар; аждаҳо; дар асотири бисёр халқҳо – мори ҳафтсари оташнафаси паррон. **2**. *маҷ*. Хунхӯр, золим, бераҳм. **3**. *зоол*. Як навъ сусмори паррон; дарозиаш то 0,4 м (22 намуд). **4**. *астр*. Аждаҳо; Тиннин; бурҷи наздиқутбие, ки дар байни Дубби Акбар ва Дубби Асғар ҷойгир шудааст.

**ДРА́МА**, [юн. drama амалиёт]. *адш., санъ*. **1**. Яке аз се ҷинси адабиёти бадеӣ (дар баробари *лирика* ва *эпос*); Д. дар шакли муколама навишта шуда, онро актёрон дар саҳнаи театр иҷро мекунанд; шаклҳои Д. – мазҳака, фоҷиа, *водевил* ва ғ. **2**. *маҷ*. Ҳодисаи нохуш, мас., моҷарои оилавӣ, ки боиси ғаму ғусса ва азоби рӯҳӣ мегардад.

**ДРАМАВӢ́**, [< юн. drama амалиёт]. Мансуб ба *драма*, мас., асари драмавӣ.

**ДРАМАТИ́ЗМ**, [< юн. drama амалиёт + пасв. *-изм*]. Ҷиддияти воқеа, амалиёт ё вазъият, ки ба *драма* хос аст (бар хилофи мазҳака).

**ДРАМАТУ́РГ**, [юн. dramaturges муаллифи драма]. Драманавис; муаллифи асарҳои драмавӣ.

**ДРАМАТУРГИ́Я**, [юн. dramaturgia]. **1**. Санъати драма (драмавӣ); назарияи драманависӣ. **2**. Маҷмуи осори драмавии нависандае, халқе ё даврае.

**ДРА́НКА**, [белорус.]. Тахтачаҳои тунуку борик, ки дар сохтмон (асосан барои пӯшондани бом) ба кор мераванд.

**ДРАП**, [< фр. drap моҳут]. Моҳути ғафс; матои ғафси пашмин ё нимпашмин, ки барои дӯхтани либоси рӯй (мас., *палто*) ба кор меравад.

**ДРАПРИ́**, [< фр. draperie]. Пардаи чин-чин, ки одатан аз матои ғафс дӯхта мешавад. || Мқс. гардина.

**ДРА́ТВА**, [пол. dratwa]. Риштаи тофтаи қирандуд барои дӯхтани пойафзол ва дигар маснуоти чармӣ.

**ДРАФТ**, [англ. draft]. **1**. Ангора ё нақшаи сиёҳнависи чизе. **2**. *варз*. Ҷудо карда гирифтани беҳтарин варзишгарони ҷавон ба ҳайати даста (*команда*).

**ДРА́ХМА**, [юн. drachme]. **1**. Воҳиди вазн ва пули Юнони Қадим. **2**. Воҳиди пули ҳозираи Юнон, ки ба 100 *лепта* баробар аст. **3**. *кухна*. Воҳиди аз истифода баромадаи вазн дар дорусозӣ, ки ба ⅛ унсия ё ба 3 *скрупул* баробар аст.

**ДРЕ́ГСТЕР**, [англ. dragster]. Мототсикл ё автомобили варзишӣ барои пойга дар роҳҳои рост.

**ДРЕДНО́УТ**, [англ. dreadnought нотарс]. Дар аввали асри 20 – киштии зиреҳпӯши дорои тӯпҳои дурзан; ҳоло *линкор* меноманд.

**ДРЕЗИ́НА**, [ол. Draisine аз номи ихтироъкори олмонӣ К.Ф. Дрез]. Аробаи чорчархае, ки дар болои роҳи оҳан бо қувваи даст ё муҳаррик ҳаракат мекунад. || Мқс. автомотриса.

**ДРЕЙФ**, [< ҳол. drijven шино кардан]. **1**. Бо таъсири шамол ё ҷараёни об аз роҳи ҳаракаташ баромадани киштӣ. **2**. Ҳаракати яххо ё киштӣ бо рафти вазиши бод ё ҷараёни об. **3**. Кунҷи байни самти ҳаракати киштӣ ва тири он.

**ДРЕК**, [ҳол. dreg]. Лангарак; лангари хурд, ки дар киштиҳои белдор истифода мешавад.

**ДРЕЛ (ДРЕЛЬ)**, [ол. Drell]. Парма; асбоби сӯрохкунандае, ки бо қувваи даст ё муҳаррики барқӣ кор мекунад.

**ДРЕ́НА**, [< англ. drain хушкондан]. Заҳбур; обрави (канал ё қубури) зеризаминӣ барои ҷамъ кардан ва кашида баровардани обҳои зеризаминӣ.

**ДРЕНА́Ж**, [< *дрена*]. **1**. Хушкондани замин бо ёрии заҳбурҳо (қубурҳо ё каналҳои зеризаминӣ). **2**. Маҷмуи қубуру заҳбурҳо барои хушкондани замин ё паст кардани сатҳи обҳои зеризаминӣ. **3**. *тиб*. Аз захм ё аз ковокиҳои бадан кашида баровардани

фасод, зардоб, хун ва ғ. бо ёрии найчаи махсус. **4**. *тех*. Аз чалакҳои сӯзишвории ракетаҳои киштибар кашида баровардани газ ҳангоми бо сӯзишворӣ пур кардани он.

**ДРЕ́НЧЕР**, [англ. drencher < to drench обшор кардан]. **1**. Обпошаки нӯги қубури водопровод, ки барои хомӯш кардани сӯхтор ё об додани растаниҳо хизмат мекунад. || Мқс. брандспойт. **2**. *байт*. Дорурезак; асбоб барои рехтани дору ба даҳони чорво.

**ДРЕССИРО́ВКА, ДРЕССУ́РА**, [< фр. dresser ёд додан]. Маҷмуи усулҳои ром кардани ҳайвонот ва ба онҳо ёд додани малакаҳои муайян.

**ДРЕСС-КО́Д,** [< англ. dress code кодекси либоспӯшӣ]. Либосе, ки пӯшидани он ҳангоми рафтан ба чорабиниҳои бонуфуз, инчунин ба ташкилоту муассисаҳои муайян талаб карда мешавад.

**ДРИА́ДА**, [< юн. dryas (drys) дарахт, булут]. Дар асотири Юнони Қадим – парии беша, ҳомии дарахтон.

**ДРИ́БЛИНГ**, [англ. dribbling]. *варз*. Фиреб дода пеш бурдани тӯб ё шайба дар бозиҳои варзишӣ – футбол, баскетбол, хоккей ва ғ.

**ДРИНК**, [< англ. drink]. **1**. Арақ, шароб. **2**. Як қадаҳ шароб, ки тақрибан 15 – 20 миллилитрро ташкил медиҳад.

**ДРИОПИТЕ́К**, [< юн. drys дарахт + pithekos маймун]. Маймун аз зероилаи маймунҳои одамшакл; тахмин мекунанд, ки шимпанзе, горилла, инчунин одам аз Д. пайдо шудааст.

**ДРИ́ФТЕР**, [англ. drifter]. Киштии баҳрӣ барои сайди моҳӣ дар вақти дрейф.

**ДРОЗОФИ́ЛА**, [< юн. drosos шабнам, намӣ + phileo дӯст медорам]. *зоол*. Ҳашароти дубола аз оилаи заррӯҳҳо; хӯроки асосиаш шираи растаниҳост.

**...ДРОМ**, [< юн. dromos ҷои пойга]. Қисми охири калимаҳои мураккаб, ки маъноҳои зеринро ифода мекунад: 1) майдони махсус ҷиҳозонидашуда барои озмоиши ягон намуди нақлиёт ё баргузории мусобиқаҳо, мас., *мотодром, танкодром*; 2) маҷмуи иншооти техникӣ барои озмоиш ё ба ҳаво сар додани ин ё он олати парвозкунанда, мас., *аэродром, космодром*.

**ДРОМЕДА́Р, ДРОМАДЕ́Р**, [юн. dromas]. *зоол*. Шутури яккӯҳона, дарозии баданаш тахминан 2,1 м; дар замонҳои қадим ром ва хонагӣ карда шудааст.

**ДРОН**, [англ. drone]. Навъи *робот* – олати парвозкунандаи бе сарнишин, ки аз замин идора карда мешавад; барои аксбардорӣ, наворбардорӣ, ҷустуҷӯ, инчунин бо мақсадҳои ҳарбӣ истифода мебаранд.

**ДРО́ССЕЛ (ДРО́ССЕЛЬ)**, [ол. Drossel]. **1**. Ғалтаки индуктивӣ, ки онро барои барҳам додани қисми тағйирёбандаи ҷараён, ҷудо ё маҳдуд кардани сигналҳои гуногунбасомад ба занҷири электрикӣ пайваст мекунанд. **2**. *тех*. Сарпӯшаки қубур барои паст кардани фишори моеъ, буғ, газ. || Мқс. редуктор.

**ДРО́ТИК**, [< юн.]. Найзаи кӯтоҳи қадимӣ, ки пайконаш аз санг, устухон ё оҳан буд.

**ДРУ́ЗА**, [ол. Druse]. **1**. *маъд*. Гулсанг; яке аз шаклҳои агрегати минералӣ, ки аз тӯдаи кристаллҳои ба якдигар часпида иборат аст. **2**. *бот*. Тӯдаи кристаллҳои ба якдигар часпидаи оксалати калсий, ки дар ҳуҷайраҳои бисёр растаниҳо дар рафти фаъолияти ҳаётии онҳо ҳосил мешавад. **3**. *тиб*. Тӯдашавии замбӯруғҳои ангал (мас., акитиномикоз) дар бофтаҳои зинда.

**ДРУИДИ́ЗМ**, [фр. druidisme]. Мазҳаби келтҳои қадим, ки аз эътиқод ба табиат ва баъзан дар бешазор қурбонӣ кардан иборат буд.

**ДРУИ́ДҲО**, [фр. druide]. Коҳинони келтҳои қадим, ки инчунин бо табибӣ, муаллимӣ, қозигӣ ва фолбинӣ машғул буданд.

**ДУАЙЕ́Н**, [фр. doyen]. Шайхуссуфаро; кӯҳнатарини сафирҳо аз ҷиҳати муҳлати сафир буданаш дар ягон мамлакат.

**ДУАЛИ́ЗМ**, [< лот. dualis дугона]. **1**. *фалс*. Таълимоти фалсафие, ки асоси оламро аз ду мабдаи мустақил – рӯҳӣ ва моддӣ иборат медонад (баръакси *монизм*). **2**. *маҷ*. Духелагӣ, дурангӣ, дубаҳрагӣ.

**ДУАЛИ́СТ**, [< *дуализм*]. Пайрави *дуализм*.

**ДУБЛ (ДУБЛЬ)**, [фр. double]. **1**. Банаворгирии такрории ягон лаҳзаи (эпизоди) филм ё барномаи телевизионӣ. **2**. *варз*. Ҳамзамон ғалаба кардан дар ду мусобиқа.

**ДУБЛЁ́Р**, [фр. doubleur]. **1**. Шахс, ташкилот, корхонае, ки баробари шахс, ташкилот, корхонаи дигар кори якхелаеро иҷро мекунад. **2**. Актёри театр, ки дар мавридҳои зарурӣ иҷрокунандаи асосии ягон нақшро иваз мекунад; иҷрокунандаи дуюми (эҳтиётии) ягон нақш дар театр ва кино. **3**. Актёре, ки ҳангоми тарҷумаи филм ба забони дигар ба ҷои актёри асосӣ овоз медиҳад. **4**. Шахсе, ки актёри киноро ҳангоми иҷрои ягон амалиёти мураккаб ва хавфнок иваз мекунад; *каскадёр* низ гӯянд. **5**. *тех*. Мошини хам ва дуқат кардани тахтаҳои тунуки пӯлодӣ дар вақти *прокати* гарми онҳо.

**ДУБЛЕ́Т**, [фр. doublet]. **1**. Нусхаи дуюми ягон чиз дар осорхона, китобхона ва ғ.; яке аз ду ашёи ба ҳам монанд. **2**. Санги қиматбаҳои сохта, ки аз ду қисми ба якдигар ширеш кардашуда иборат буда, танҳо қисми болоияш санги қиматбаҳои асил аст. **3**. Тир андохтан ба як ҳадаф якбора аз ҳарду мили милтиқи шикорӣ.

**ДУБЛИКА́Т**, [< лот. duplicatus дучанд]. *ҳуқ*. **1**. Нусхаи дуюми ягон ҳуҷҷат, ки бо нусхаи асл эътибори баробари ҳуқуқӣ дорад. **2**. Калиди қуфл, ки аз рӯи калиди асл сохта шудааст.

**ДУБЛЯ́Ж**, [фр. doublage]. Ба забони дигар тарҷума кардани матни овозии филм тавре, ки талаффузи ҳиҷоҳо бо ҳам ҳатталимкон мувофиқ оянд.

**ДУКА́Т**, [ит. ducato]. Тангаи қадимаи нуқрагӣ ва баъдтар тиллоӣ, ки аввалин маротиба (с. 1140) дар Италия пайдо шуд ва сипас дар бисёр мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ сикка зада шуд.

**ДУЛСИНЕ́Я (ДУЛЬЦИНЕ́Я, ДУЛЬСИНЕ́Я)**, [исп. Dulcinea]. **1**. Номи шоиронае, ки Дон Кихот (қаҳрамони романи Сервантес «Дон Кихот») ба хизматгорзан Алдонс дода, ӯро маъшуқаи худ интихоб карда буд. **2**. *мач*. Маъшуқа, маҳбуба.

**ДУ́МА**, [< рус. фикр]. **1**. Дар Россияи подшоҳӣ – номи баъзе идораҳои марказӣ ва маҳаллӣ, мас., Д.-и боярҳо, Д.-и давлатӣ, Д.-и шаҳрӣ. **2**. Думаи давлатӣ – дар Россияи имрӯза – номи *палатаи* поёнии *парламент*.

**ДУ́МПЕР**, [англ. dumper]. Мошини боркаши худрез барои кашондани борҳои пошхӯранда ба масофаи наздик. || Мқс. самосвал.

**ДУМПКА́Р**, [англ. dumpcar]. Нимвагони роҳи оҳан барои кашондани борҳои пошхӯранда (одатан маъдан, ангиштсанг); бо ёрии таҷҳизоти *пневматикӣ* ё *гидравликӣ* борашро холӣ мекунад.

**ДУОДЕНАЛӢ**, **ДУОДЕНТАЛӢ**, [< лот. duodeni дувоздаҳтогӣ]. *анат., тиб*. Мансуб ба рӯдаи дувоздаҳангушта.

**ДУОДЕНИ́Т**, [< лот. duodeni дувоздаҳтогӣ]. *тиб*. Варами рӯдаи дувоздаҳангушта.

**ДУ́ПЕЛ (ДУ́ПЕЛЬ)**, [ол. Duppelt]. Як навъ парандаи ботлоқӣ, дарозиаш то 35 см.

**ДУ́ПЛЕКС**, [< лот. duplex дубора]. **1**. Алоқаи дутарафаи телефонӣ, телеграфӣ ё *онлайнӣ*, ки ҳангоми он фиристодану қабул кардани иттилоот дар байни ду нуқта дар як вақт сурат мегирад. **2**. Гудохтани пӯлод аввал дар як кӯра ва сипас дар кӯраи дигар. **3**. Хонае, ки барои истиқомати ду оила таъйин шудааст.

**ДУПЛЕ́Т**, [фр. doublet]. **1**. Зарби махсус дар бозии *биллиард*, ки ҳангоми он як саққо ба саққои дигар зада ба тӯрхалта медарояд. **2**. Тир андохтан ба як ҳадаф якбора аз ҳарду мили милтиқи шикорӣ; *дублет* низ гӯянд.

**ДУРАЛЮМИ́Н, ДЮРАЛЮМИ́НИЙ**, [< ол. Duren – номи маҳал дар Олмон + *алюминий*]. Хӯлаи алюминий бо мис, магний ва марганетс; *дюрал* низ гӯянд.

**ДУРОПЛА́СТ**, [ол. Duroplast]. *Пластмассаи термореактивӣ*, ки хеле бадошту мустаҳкам буда, ба зарбаҳои механикӣ тоб меорад.

**ДУРШЛА́Г**, [ол. Durchschlag]. Баракгирак; тушберагирак; тупакашак; кафлези сӯрохдор барои аз моеъ ҷудо кардани маҳсулоти сахт.

**ДУСТ**, [англ. dust]. Моддаи химиявии хока барои мубориза бо ҳашарот.

**ДУХТУ́Р,** [< лот. doctor муаллим]. Пизишк, табиб; шакли таҳрифшудаи доктор (ниг. *доктор* (маънои 2).

**ДУ́ЧЕ**, [ит. duce доҳӣ]. Лақаби роҳбари ҳизбии фашистии Италия Б. Муссолини (чи тавре ки дар Олмони фашистӣ А. Гитлерро *фюрер* меномиданд).

**ДУШ**, [фр. douche]. Обпош; асбоб барои шустушӯи бадан, ки обро мисли фавраи борон пош медиҳад.

**ДУЭ́Л (ДУЭ́ЛЬ)**, [< лот. duellum ҷанг]. **1**. Ҷанги якка ба яккаи ду нафар бо яроқ, ки бо даъвати яке аз онҳо сурат мегирад. **2**. *маҷ*. Муҳорибаи ду тараф, мас., Д.-и *артиллерӣ*.

**ДУЭЛЯ́НТ**, [< *дуэл*]. Иштирокчии *дуэл*.

**ДУЭ́НЯ (ДУЭ́НЬЯ)**, [исп. duena]. Дар Испанияи Қадим ва баъзе мамлакатҳои дигар пиразане, ки духтар ё зани ҷавонро (одатан аз табақаи ашроф) дар ҳама ҷо ҳамроҳӣ менамуд ва ба одобу рафтори ӯ назорат мекард.

**ДУЭ́Т**, [ит. duetto < лот. duo ду]. *санъ*. **1**. Асари мусиқие, ки ду нафар сароянда ё мусиқинавоз иҷро мекунанд. **2**. Ансамбли иборат аз ду нафар *артист*. || Мқс. квартет, квинтет, трио.

**ДЮ́БЕЛ (ДЮ́БЕЛЬ)**, [ол. Dübel мех]. Мехи махсуси сахту бақувват барои кӯфтан ба деворҳои бетонӣ ва хиштӣ.

**ДЮ́ЖИНА**, [фр. douzaine]. Дувоздаҳ дона ягон чизи якхела; дувоздаҳ нафар.

**ДЮ́ЗА**, [ол. Duse]. Олати обпошӣ ё газпошӣ, ки ба нӯги қубур, рӯдаи резинӣ ё пластикӣ насб карда мешавад. || Мқс. брандспойт, дренчер.

**ДЮЙМ**, [< ҳол. duim ангушти калон]. Воҳиди дарозӣ дар системаи ченаки англисӣ, ки ба 1/12 *фут* ё 2,54 см баробар аст.

**ДЮ́КЕР**, [ол. Düker]. Қубури аз зери ҷӯй, канал, роҳ, сой гузарондашуда. || Мқс. акведук.

**ДЮ́НА**, [ол. Dune]. Хомаи реги бодовард; реги равон.

**ДЮПО́Н**, [англ. dupont < аз номи ширкати DuPont]. Як навъ матои абрешимии ҷилодор.

**ДЮРОМЕ́ТР**, [< фр. dur сахт, бадошт + …*метр*]. Сахтисанҷ; асбоб барои муайян кардани дараҷаи сахтии маводу масолеҳ.

**ДЮРАЛА́ЙТ**, [англ. duralight]. Найчаи чандири пластикӣ, ки дар дарунаш фурӯзонакҳои хурди ранга дорад; бо мақсади реклама ё ороиш истифода мебаранд.

**ДЮ́ТИ-ФРИ (ДЬЮ́ТИ-ФРИ)**, [англ. duty-free]. **1**. Шабакаи фурӯшгоҳҳое, ки аз пардохти баъзе боҷҳо, мас., боҷи гумрукӣ, аксиз ва ғ. озод карда шудаанд; одатан дар бандарҳо, фурудгоҳҳо, инчунин дар даруни ҳавопаймоҳо воқеъ гардидаанд. **2**. Шахс, ташкилот ё ширкате, ки аз он боҷу хироҷи гумрук ситонда намешавад.

**ДЮ́ТИ-ФРИ ШОП (ДЬЮ́ТИ-ФРИ ШОП)**, [англ. duty-free shop]. Ниг. *дюти-фри* (маънои 1).

**ДЮШЕ́С**, [фр. duschesse]. Номи умумии навъҳои тобистонаю тирамоҳии нок, ки ватанашон Фаронса аст; ширин, ширадор ва хушбӯянд.

**ДЯК (ДЬЯК)**, [< юн. diakonos хизматгор]. Мирзо, муншӣ, котиб.

**ДЯ́КОН (ДЬЯ́КОН)**, [< юн. diakonos хизматгор]. Дар калисои православӣ – ёвари кашиш ҳангоми ибодат.

# Е

**ЕВА́НГЕЛИЕ, ЕВА́НГЕЛИЯ**, [< юн. euaggelion башорат]. Инҷил; як қисми Библия, ки аз ҳикояву ривоятҳо дар бораи Исои Масеҳ иборат аст.

**ЕВАНГЕЛИЗА́ТСИЯ (ЕВАНГЕЛИЗА́ЦИЯ)**, [< *Евангелие*]. Фаъолияти мубаллиғии (*миссионерии*) калисоҳои насронӣ.

**ЕВАНГЕЛИ́СТ,** [< *Евангелие*]. **1**. Мураттиби Инҷил. **2**. Пайрави мазҳаби евангелистӣ.

**ЕВАНГЕЛИСТӢ,** [< *Евангелие*]. Калисоҳои евангелистӣ – номи умумии як қатор калисоҳои *протестантӣ* ва *лютеранӣ.*

**ЕВГЕ́НИКА,** [< юн. eugenes хушзот]. Таълимот дар бораи тандурустии ирсии одам ва роҳҳои беҳтар намудани хосиятҳои ирсии он.

**ЕВПАТРИ́ДҲО, ЭВПАТРИ́ДҲО,** [< юн. eupatrides]. *таър*. Аъёну ашрофи заминдор дар Афинаи Қадим.

**Е́ВРО,** [< англ., ол.]. Воҳиди ягонаи пули аксарияти мамлакатҳои аврупоие, ки ба Иттиҳоди Аврупо дохил мешаванд.

**ЕВРОВИ́ДЕНИЕ,** [< *Европа* (Аврупо) + телевизион]. Ташкилоти байналмилалии телевизион, ки соли 1954 дар доираи Иттиҳоди радиошунавонии Аврупо ташкил шуда буд; марказаш дар ш. Брюссел.

**ЕВРОДО́ЛЛАРҲО,** [< *Европа* (Аврупо) + *доллар*)]. Долларҳои аврупоӣ; долларҳои ИМА, ки дар бонкҳои хориҷӣ (на фақат дар бонкҳои Аврупо) бо мақсади қарздиҳӣ гузошта шудаанд.

**ЕВРОКРА́Т**, [англ. eurokrat]. Мутахассиси миқёси умумиаврупоӣ дар соҳаи сиёсат, иқтисод, тиҷорат ва ғ.

**ЕВРОПО́П**, [англ. europop]. *мус*. Навъи поп-мусиқӣ, ки ба он оҳанги равону мавзун ва матни одии хотирмон хос мебошад; дар солҳои 80-90-уми асри XX дар Аврупо паҳн шуда буд.

**ЕВРО́ПА,** [< юн. Europa Чашмкалон]. **1**. Аврупо; номи яке аз қитъаҳои олам. **2**. Дар асотири юнониёни қадим – номи духтари подшоҳи қабилаи финикиён Агенор, ки Зевс ӯро дуздида, ба занӣ гирифтааст. **3**. *астр*. Радифи Муштарӣ; қутраш 3140 км; соли 1610 Галилео Галилей кашф кардааст.

**ЕВРОПОИДӢ,** [< *Европа* (Аврупо) + юн. eidos намуд]. *антр*. Аврупоидӣ; нажоди Е. – нажоди авросиёӣ; сершумортарин нажоди одамизод, ки бо пӯсти сафед ва

мӯйҳои мулоими худ фарқ мекунад; аксарияти аҳолии Аврупо, Шарқи Наздик, Амрико ва Ҳиндустони шимолиро ташкил медиҳад.

**ЕВРО́ПИЙ,** [лот. Europium]. *хим.* Элементи химиявӣ аз оилаи *лантаноидҳо*; рамзаш Eu; металли нуқрафоми сафед, ки дар *реакторҳои* ядроӣ, инчунин дар телевизорҳои ранга истифода мешавад.

**ЕВСТА́ХИЙ,** [< лот. Eustachius]. *тиб.* Н а й ч а и  Е. – найчаи сомеа; найчае, ки даруни пардаи гӯшро бо ҳалқу бинӣ васл мекунад.

**ЕВСТАХИИ́Т,** [< *евстахий*]. *тиб.* Газаки найчаи сомеа (*найчаи Евстахий*), ки боиси ихтилоли ҳавогирии гӯши миёна мешавад.

**ЕВТЕ́РПА, ЭВТЕ́РПА**, [лот. Euterpe]. Дар асотири юнониёни қадим – яке аз нуҳ олиҳа, ҳомии назми лирикӣ ва мусиқӣ. ‖ Мқс. Каллиопа, Урания.

**ЕВХАРИ́СТИЯ,** [юн. eucharistia сипосгузорӣ]. Хӯрондани нону шароби табаррукии калисо; яке аз ҳафт фарзи дини насронӣ.

**ЕГЕРМЕ́ЙСТЕР,** [ол. Jagermeister]. Мансаби дарборӣ (сардори *егерҳо*) дар баъзе мамлакатҳои Аврупо, аз ҷумла дар Россияи подшоҳӣ.

**Е́ГЕР (Е́ГЕРЬ),** [ол. Jager шикорчӣ, тирандоз]. **1**. Қисми сабукаслиҳаи савора ва пиёдагарди армияҳои Аврупо ва Россияи асрҳои 18-19, инчунин сарбози ҳамин қисм **2**. Шикорчии касбӣ; мутахассиси шикор. **3**. Шахси мансабдори хоҷагиҳои шикор дар баъзе мамлакатҳо.

**ЕКТЕ́НИЯ, ЕКТЕ́НЯ (ЕКТЕ́НЬЯ),** [< юн. ektenia кӯшиш, саъй]. Қисме аз ибодати православӣ – талабу илтиҷо аз Худо.

**ЕЛЕ́Й,** [< юн. elaion]. **1**. Равғани зайтун, ки дар маросимҳои калисо истифода мешавад. **2**. *маҷ.* Марҳам; доруи таскинбахш.

**ЕЛЕ́НА,** [< юн. қад.]. **1**. Дар асотири юнониёни қадим – духтари соҳиҷамоли Зевс, ки аксарияти қаҳрамонони юнонӣ ба ӯ ошиқ шуда буданд; баъд аз он ки шоҳзодаи троягӣ Порис ӯро дуздида ба кишвараш бурд, ҷанги машҳури Троя оғоз ёфт. **2**. *астр.* Радифи Зуҳал, ки қутраш 30 км мебошад.

**...ЕМИЯ,** [< юн. haima хун]. Қисми охири калимаҳои мураккаб, ки бо хун муносибат доштанро ифода мекунад, мас., *анемия*.

**ЕНО́Т,** [ол. рус.]. *зоол.* Ҳайвони ширхӯри зардпӯсти бешазор, ки пӯсти пурқимат дорад.

**ЕПА́РХИЯ,** [юн. eparchia вилоят, музофот]. Дар дини насронии православӣ – воҳиди калисоӣ-маъмурӣ (вилоят), ки онро *архиерей* (*епископ*) идора мекунад.

**ЕПИ́СКОП,** [юн. episkopos нозир, нигаҳбон]. Усқуф; рутбаи олии калисои насронӣ, ки одатан ба сардори вилоят, музофот (*епархия*) дода мешавад. ‖ Мқс. архиепископ, митрополит.

**ЕПИСКОПА́Т,** [< *епископ*]. Музофоти калисоие, ки ба он *епископ* роҳбарӣ мекунад.

**ЕПИТИМЯ́ (ЕПИТИМЬЯ́),** [юн. epitimia ҷазо]. Ҷазои насронӣ дар шакли рӯза (*пост*), намозҳои дарозмуддат, таъзимҳои сершумор ва ғ.

**ЕПИТРАХИ́Л (ЕПИТРАХИ́ЛЬ),** [юн. epitrachelion]. Хилъати беостини пешгиракмонанди рӯҳонии насронӣ, ки ба гардан овехта мешавад.

**ЕСАУ́Л,** [турк. ясавул сардор]. Дар армияи Россияи подшоҳӣ – рутбаи афсарии казакӣ, ки бо рутбаи *капитани* қисмҳои пиёдагард баробар аст.

**ЕФРЕ́ЙТОР,** [ол. Gefreiter]. *ҳарб*. Аввалин рутбаи ҳарбие, ки ба аскари қаторӣ дода мешавад.

**ЕХИ́ДНА,** [< юн. echidna]. **1**. *зоол*. Мори захрноки австралиягӣ (4 намуд); дарозиаш то 0,8 м. **2**. Дар асотири юнониёни қадим – махлуқи нимзану ниммор. **3**. *маҷ*. Одами маккору тундзабон.

# Ж

**ЖАБО́**, [фр. jabot]. Дар Аврупои асрҳои 17-19 – гиребони тӯрии парпари куртаи мардона; баъдтар Ж. дар байни занон низ мӯд шуд.

**ЖАД**, [фр. jade]. *маъд.* Яке аз намудҳои *тремолит*; санги сахти сафед ё сабзгуни ороишӣ.

**ЖАДЕИ́Т,** [фр. jadeite]. *маъд.* Минерал аз гурӯҳи пироксенҳо; метасиликати натрий ва алюминий; сафед, кабудча, сабз ва нимшаффоф мешавад; дар заргарӣ чун санги қиматбаҳо ба кор меравад.

**ЖАКЕРИ́Я,** [фр. Jacquerie]. Шӯриши зиддифеодалии деҳқонон дар Фаронса дар с. 1358.

**ЖАКЕ́Т**, [фр. jaquette]. Камзӯли кӯтоҳи дӯхташуда ё бофташудаи мардона ё занона. || Мқс. кофта.

**ЖАКО́**, [фр. jacquot]. *зоол.* Тӯтии хокистарранги африқоӣ; дарозиаш то 35 см; ба нутқи одам хуб тақлид карда метавонад. || Мқс. ара, какаду.

**ЖАКО́Б**, [фр. jacob]. Мебеле, ки аз чӯби сурх сохта, бо биринҷӣ ё *латун* оро дода мешавад; чунин мебелро дар асрҳои 18-19 устоҳои фаронсавӣ – оилаи Жакобҳо месохтанд ва номаш аз ҳамин ҷост.

**ЖАЛО́Н**, [фр. jalon]. Нишончӯб; ходаи дарозе, ки ба замин халонда, аз рӯи он сатҳи заминро чен ё ҳамвор мекунанд.

**ЖАЛЮЗИ́**, [фр. jalousie]. **1**. Чиғпарда; пардае, ки аз тахтачаҳои ба ресмон басташуда иборат аст. **2**. *тех.* Табақаи металлии пеши сӯрохии ҳаводарои *радиатори* автомобил, ки барои танзими миқдори ҳаво хизмат мекунад.

**ЖАНДА́РМ**, [фр. gendarme]. Рутбаи полисӣ дар *жандармерия*; хизматчии *жандармерия.*

**ЖАНДАРМЕ́РИЯ**, [фр. gendarmerie]. Дар баъзе мамлакатҳо (мас., Фаронса, Австрия, Россияи подшоҳӣ ва ғ.) қӯшунҳои махсуси полис барои посбонӣ, кофтукови ҷинояткорон, пахш намудани ҳаракатҳои озодихоҳӣ.

**ЖАНР,** [фр. genre ҷинс, намуд]. *адш., санъ.* Шакли муайяни асари адабиёт ва санъат, ки бо ҳаҷм ва аломатҳои услубӣ ё сужетии худ фарқ мекунад.

**ЖАНРӢ,** [< *жанр*]. Мансуб ба *жанр*; адабиёти Ж. – асари бадеие, ки ба оммаи васеи хонандагон таъйин гардида, бо назардошти талаботи жанри мушаххас (саргузашт, детектив, қиссаи ошиқона, романи моҷароӣ ва ғ.) навишта шудааст.

**ЖАРГО́Н,** [фр. jargon]. Нутқи ин ё он гурӯҳи ҷамъият (мас., косибон, duздон, маҳбусон ва ғ.), ки аз забони умумии гуфтугӯӣ ё адабӣ бо калимаю ибораҳои хоси худ фарқ мекунад. ‖ Мқс. арго, диалект.

**ЖАРГОНИ́ЗМ,** [< *жаргон* + пасв. -*изм*]. *збш.* Калимаю ибораҳое, ки ба ин ё он *жаргон* тааллуқ доранд.

**ЖАРДИНЙЕ́РКА (ЖАРДИНЬЕ́РКА),** [фр. jardiniere]. Гулмонак; рафча ё мизчаи пур аз нақшу нигор барои гузоштани тубакҳои гул. ‖ Мқс. вазон.

**ЖАСМИ́Н,** [фр. jasmin]. *бот.* Ёсуман, ёсамин, ясмин; буттаи боғие, ки гулҳои сафеди хушбӯ дорад.

**ЖВА́КА-ГАЛС,** [ҳол. zwak-hals]. Порчаи занҷири чангакдоре, ки ба танаи киштӣ насб карда шудааст; ба он ашёи гуногун, бештар занҷири лангарро овезон карда мемонанд.

**ЖЕЛАТИ́Н, ЖЕЛАТИ́НА** [фр. gelatin < лот. gelatus яхбаста, сахтшуда]. Моддаи шаффофи часпак, ки аз пӯст, устухон, тағояк ва рагу пайи ҳайвонот тайёр карда мешавад; дар саноати хӯрокворӣ, микробиология, суратгарӣ, инчунин ба сифати ширеши дуредгарӣ истифода мебаранд.

**ЖЕЛЕ́,** [фр. gelee]. **1**. Полуда; таоми ширине, ки аз шираи мева, шир, қанд, май ва *желатин* тайёр мекунанд. **2**. Яхнӣ; таоме, ки аз оби каллапоча, моҳӣ ё парранда тайёр мекунанд.

**ЖЕНШЕ́Н (ЖЕНЬШЕ́НЬ),** [хит.]. *бот.* Одамгиёҳ; растании бисёрсолаи худрӯй аз оилаи аралиҳо, ки дар шимоли Хитой, Корея ва Россия (Шарқи Дур) мерӯяд; аз решаи Ж. доруҳои қувватфизо тайёр мекунанд.

**ЖЕТО́Н,** [фр. jeton]. **1**. Нишони металлие, ки ба хотираи ягон воқеаи муҳим бароварда мешавад. **2**. Нишони металлие, ки ба ҷамъияте тааллуқ доштанро ифода мекунад. **3**. Пулакчаи мудаввари металлӣ ё пластикие, ки дар бозӣ, таксофон, метро ва ғ. ба ҷои танга истифода мебаранд, инчунин ҳамин гуна пулакчаҳои рақамдор, ки дар либосхона (*гардероб*) ва бағоҷхона ба ивази ашёи супурдашуда медиҳанд.

**ЖИ́ГОЛО,** [англ. gigolo]. **1**. Шарики кироя дар рақси дукаса. **2**. Ниг. *алфонс*.

**ЖИД,** [пол. zyd < яҳ. қад. иудей]. **1**. Ҷуҳуд; номи таҳқиромези яҳудиён. **2**. *гуфт.* Одами хасис.

**ЖИКЛЁР,** [< фр. gicler пош додан]. *тех.* Асбоби дорои сӯрохии *калибрӣ* барои танзими сарфи моеот ва газ.

**ЖИЛЕ́Т,** [фр. gilet]. Камзулчаи бегиребон ва беостини мардона ё занона.

**ЖИРАНДО́Л (ЖИРАНДО́ЛЬ),** [фр. girandole]. **1**. Шамъдони мунаққаш барои якчанд шамъ. **2**. Фаввораe, ки аз якчанд ҷояш об мебарояд.

**ЖИРА́НТ,** [ит. girante]. *мол.* Шахсе, ки дар пушти вексел ё чек хати таҳвил менависад; *индоссант* низ гӯянд.

**ЖИ́РО,** [ит. giro интиқол, муомилот]. *мол.* **1**. Хати таҳвил дар вексел, чек ва ғ., инчунин амри хаттии муштарӣ ба бонк дар бораи гузарондани маблағи муайян аз суратҳисоби ҷории муштарӣ ба суратҳисоби ҷории шахси сеюм; *индоссамент* низ гӯянд. **2**. Яке аз намудҳои ҳисоббаробаркунии нася ба воситаи чек. ‖ Мқс. аксепт.

**ЖИРОБО́НК (ЖИРОБА́НК)**, [< юн. gyros давра + банк (бонк)]. *мол.* Бонке, ки бо амалиётҳои ҳисоббаробаркунии насяи байни муштариён машғул аст.

**ЖИРО́НДА,** [< фр. Gironde]. **1**. Гурӯҳи сиёсие дар давраи Инқилоби Кабири Фаронса (асри 18), ки манфиати буржуазияи калони саноатӣ ва тиҷоратӣ, инчунин буржуазияи кишоварзиро ҳимоя мекард. **2**. *маҷ.* Ҳизбе, ки ба забоняккунӣ бо доираҳои иртиҷоӣ майл дорад.

**ЖОКЕ́Й,** [англ. jockey]. **1**. Чобуксавор; аспсавори касбӣ дар сирк ва пойга. **2**. Мутахассиси тамрин ва озмоиши аспҳои саворӣ.

**ЖОНГЛЁР,** [фр. jongleur]. **1**. Артисти сирк, ки якчанд чизро ҳаво дода, моҳирона дошта мегирад. **2**. Дар Фаронсаи асрҳои миёна – навозанда, ҳофиз ва шоири оворагард. ‖ Мқс. гистрион.

**ЖУДЕ́ТС (ЖУДЕ́Ц),** [рум. judet]. Воҳиди маъмурию ҳудудӣ дар Руминия.

**ЖУН ЧЭН,** [хит.]. Дар асотири хитоиён – пири хирадманде, ки сири бефаноӣ ва баргардондани ҷавониро медонист.

**ЖУРНА́Л,** [фр. journal]. **1**. Маҷалла; нашрияи даврӣ. **2**. Рӯзнома; дафтарчаи хотира.

**ЖУРНАЛИ́СТ,** [фр. journaliste]. Корманди эҷодии воситаҳои ахбори омма (рӯзнома, маҷалла, радио, телевизион).

**ЖУРНАЛИ́СТИКА,** [< *журнал*]. **1**. Ҷамъоварӣ, коркард ва нашри иттилоот ба тавассути ВАО. **2**. Илме, ки чунин фаъолиятро таҳқиқ мекунад.

**ЖЮРИ́,** [фр., англ. jury]. **1**. Гурӯҳи коршиносону мутахассисони таъйиншуда ё интихобшуда, ки дар озмунҳо, намоишҳо, мусобиқаҳо ғолибонро муайян карда, ба онҳо мукофот медиҳанд. **2**. Ҳайати (*коллегияи*) судяҳои ғайрикасбӣ (қасамӣ), ки дар муҳокимаи парвандаҳои граждании ва ҷиноятӣ иштирок мекунанд.

# З

**ЗАВО́Д**, [рус.]. **1**. Корхонаи калони саноатӣ, мас., заводи металлургӣ, заводи пахта. || Мқс. комбинат, фабрика. **2**. Парваришгоҳи аспҳои зотӣ.

**...ЗАВР,** [< лот. sauros сусмор]. Қисми охири номи сусморҳои мурдарафта, мас. *динозавр*.

**ЗА́ВУЧ**, [рус. кӯтоҳшудаи заведующий учебной частью]. Мудири қисми илмӣ дар мактаб.

**ЗАВХО́З,** [рус. кӯтоҳшудаи заведующий хозяйством]. Мудири хоҷагии корхона, муассиса ё ташкилот.

**ЗАГС,** [рус. кӯтоҳшудаи запись актов гражданского состояния]. САҲШ; муассисаи давлатӣ оид ба сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ – таваллуд, вафот, никоҳ, ҷудошавӣ, дигар кардани ному насаб ва ғ.

**ЗА́ДРУГА,** [серб.]. То нимаи дуюми асри 19 – қабилаи оилавии падаршоҳӣ дар байни славянҳои ҷанубӣ.

**ЗАЁ́М,** [рус.]. З а ё м и д а в л а т ӣ – усули аз аҳолӣ қарз гирифтан ва ба буҷет равона кардани маблағи гирифташуда.

**ЗАКА́З,** [< рус. заказать фармудан]. Супориш, фармоиш.

**ЗАЛ, ЗА́ЛА,** [фр. salle]. **1**. Толор; маҷлисгоҳ; хонаи калон барои гузарондани маҷлис, консерт, намоиш, машқҳои варзишӣ ва чорабиниҳои диг. **2**. Ҳуҷраи калон дар хонаҳои истиқоматӣ барои қабули меҳмонон; меҳмонхона.

**ЗАЛП,** [< ол. Salpe]. Шиллик; тирпарронии якбора ва якҷоя аз якчанд милтиқ, тӯп, *миномёт* ва ғ.

**ЗА́МША,** [пол. zamsz]. Чарми нарми обногузари бахмалмонанд аз пӯсти гавазн, гӯсфанд, буз ва ғ.

**ЗАПА́Л**, [< рус. запалить даргирондан]. Асбоб барои даргирондани моддаҳои тарканда; дар *гранатаҳо, минаҳо* ва ғ. истифода мешавад.

**ЗАРИ́Н,** [ол. Sarin]. Моеи беранги органикӣ, ки дар молекулааш оксиген, фосфор ва фтор дорад; моддаи заҳролудкунанда буда, системаи асабро аз кор мебарорад. ‖ Мқс. зоман, иприт.

**ЗАРЯ́Д,** [< рус. зарядить тир пур кардан]. **1**. Моддаи таркандаи даруни тир, снаряд ва ғ. **2**. *физ*. Миқдори қувваи электр дар ягон ҷисм.

**ЗАТВО́Р,** [< рус. затворить руст кардан, пӯшондан]. Асбоби маҳкамкунанда дар мошин, аслиҳа, таҷҳизот ва ғ., мас. З.-и милтиқ.

**ЗАУРОЛО́Ф,** [< юн. sauros сусмор + lophos шона, теға]. *пал*. Хазандаи давраи бӯр аз гурӯҳи динозаврҳои мурғпо (*орнитоподҳо*); қадаш то 6 м (2-3 намуд); бо ду пой роҳ мегашт. ‖ Мқс. бронтозавр, зауропод.

**ЗАУРОПО́Д,** [< юн. sauros сусмор + pus (podos) пой]. *пал*. *Динозаври* чорпойи растанихӯр, ки косу пойҳояш ба косу пойҳои хазандагон монанданд; дар давраҳои юра ва бӯр зиндагӣ мекард. ‖ Мқс. анкилозавр, бронтозавр, зауролоф.

**ЗЕ́БРА,** [фр. zebre < афр.]. *зоол*. Гӯрхар; аспи ёбоии африқоӣ, ки пӯсти рах-рахи сиёҳу сафед дорад; дарозии баданаш то 2,4 м (4 намуд).

**ЗЕБРО́ИД,** [< *зебра* + eidos намуд]. *зоол*. Дурагаи асп ё хар бо *зебра*.

**ЗЕ́БУ,** [фр. zebu < афр.]. *зоол*. Зернамуди чорвои калони шохдор – буққаи хонагӣ, ки дар гарданаш кӯҳон дорад; дар Осиёи Ҷанубӣ ва Африқо зиндагӣ мекунад.

**ЗЕВС,** [юн. Zeus]. Дар асотири юнониёни қадим – Худои олӣ, сарвари ҳамаи худоҳо ва одамон; З.-ро дар Рими Қадим *Юпитер* меномиданд.

**ЗЕЛТС (ЗЕЛЬЦ),** [< ол. Zulze яхнӣ]. Ҳасибе, ки аз гӯшт, калла, пой, ҷигар ва забони пешакӣ ҷӯшондашудаи гов ё хук тайёр карда мешавад.

**ЗЕНИ́Т,** [фр. zenith < ар. самт]. **1**. *астр*. Самтурраъс; қиём; нуқтаи кураи осмон, ки дар болои сари мушоҳидакунанда воқеъ гардидааст. **2**. *маҷ*. Авҷи аъло; нуқтаи баландтарин. ‖ Мқс. апогей.

**ЗЕНИ́Т-ТЕЛЕСКО́П,** [< *зенит* + *телескоп*]. *астр*. Асбоби астрономӣ барои чен кардани масофаҳои хурди *зенитӣ*.

**ЗЕНИТӢ,** [< *зенит*]. Мансуб ба *зенит*; дар *зенит* ҷойгиршуда; а р т и л л е р и я и З. – намуди артиллерияе, ки барои нобуд кардани ҳавопаймоҳо ва чархболҳои ҷангӣ таъйин шудааст.

**ЗЕРО́,** [фр. zero]. Холи сифрӣ дар бозии *рулетка*; сифр.

**ЗЕФИР¹,** [< юн. zephyros]. **1**. Дар асотири юнониён – худои шамоли ғарбӣ, писари Астрей. **2**. *маҷ*. Насими гарму форам.

**ЗЕФИР²,** [< фр. zephyr]. **1**. Матои ҳарири пахтагӣ. **2**. Навъи беҳтарини пашми гӯсфанд. **3**. Ҳалвои хамирмонанди мевагӣ (як намуди *пастила*).

**ЗИГОДАКТИЛИЯ́**, [лот. zygodactylia]. *тиб.* Бо пӯст ба якдигар часпидани ангуштони дуюму сеюми пой.

**ЗИГОМАТИ́Т,** [лот. zygomatitis]. *тиб.* Газаки зардобноки ҳуҷайраҳои устухони рухсора.

**ЗИГОСПО́РА,** [< юн. zygos ҷуфт + spora тухм]. *биол.* Дар баъзе занбӯруғҳо ва обсабзҳо – тухме (*спорае*), ки дар натиҷаи пайвастшавии ду ҳуҷайраи ҷинсии зоҳиран бо якдигар монанд пайдо мешавад.

**ЗИГО́ТА,** [< юн. zygote ҷуфтшуда, пайвастшуда]. *биол.* Ҳуҷайрае, ки ҳангоми бордоршавии ҳайвонот ва растаниҳо дар натиҷаи пайвастшавии ду ҳуҷайраи ҷинсӣ (*гаметаҳо*) пайдо мешавад.

**ЗИЛБЕРГЛЁ́Т (ЗИЛЬБЕРГЛЁ́Т),** [ол. Silberglätte]. *хим.* Оксиди сурб (*глёт*), ки ҳангоми аз сурби сиёҳи гудохта гирифтани нуқра ҳосил мешавад.

**ЗИМА́ЗА,** [ол. Zymase]. *хим.* Маҷмуи *ферментҳои* ҷӯшиши спирт, ки онҳоро хамирмоя ҷудо мекунад; З. барои ба спирт табдил додани қанд ёрӣ мерасонад.

**ЗИМОГЕ́Н,** [ол. Zymogen]. *биол.* Ниг. *профермент.*

**ЗИ́НГШПИЛ (ЗИ́НГШПИЛЬ),** [ол. Singspiel]. Операи мазҳакавие, ки ғайр аз рақсу суруд муколамаҳоро низ дар бар мегирад.

**ЗИМО́ЛИЗ,** [лот. zymolysis]. Усули таҳқиқи қобилияти қандро таҷзия намудани занбӯруғҳо.

**ЗИМОЛО́ГИЯ,** [< юн. zyme хамирмоя + *...логия*]. *хим.* Соҳаи химия, ки турш шуда ҷӯшидани моддаҳои органикиро меомӯзад.

**ЗИМОМЕ́ТР,** [лот. zymometer]. Асбоб барои санҷиши дараҷаи тахмир (*ферментатсия*).

**ЗИМОФИ́ТҲО,** [лот. zymophytum]. *биол.* Бактерияҳое, ки боиси тахмир (*ферментатсия*) мешаванд.

**ЗЛО́ТИЙ (ЗЛО́ТЫЙ),** [< пол. zloty тиллоӣ]. Воҳиди пули Полша, ки ба 100 грош баробар аст.

**ЗОДИА́К,** [< юн. zodiakos kyklos доираи ҳайвонот]. *астр.* Бурҷи дувоздаҳгона; минтақатулбурҷ; минтақаи бараш 15° қад-қади давраи калони кураи осмон, ки дар он Офтоб, Моҳ, сайёраҳои калон ва аксарияти сайёраҳои худ давр мезананд; аз қадимулайём ба 12 аломат ҷудо карда мешавад (аз рӯи шумораи бурҷҳо): Ҳамал (Барра), Савр (Гов), Ҷавзо (Дупайкар), Саратон (Харчанг), Асад (Шер), Сунбула (Хӯша), Мизон (Тарозу), Ақраб (Каждум), Қавс (Камонвар), Ҷадй (Бузғола), Далв (Обкаш), Ҳут (Моҳӣ).

**ЗОИ́Л,** [< лот. zoilus Зоил – номи воиз ва мунаққиди Юнони Қадим – шогирди Суқрот, ки бо суханрониҳои беадолатони худ бар зидди Гомер ва асарҳои ӯ машҳур аст]. *маҷ.* Мунаққиди айбҷӯй, тундзабон, кинавар.

**ЗОМА́Н,** [ол. Soman]. *хим.* Ниг. *зарин.*

**ЗО́МБИ,** [англ. zombi < афр. zumbi]. **1**. Махлуқи мистикӣ (ниг. *мистика*) – «ҷасади зинда», ки гӯё одами мурда ба он табдил ёфта метавонад; ба хоҳишу фармонҳои одамоне, ки бар вай нуфуз ва таъсир доранд, кӯр-кӯрона итоат менамояд. **2**. *маҷ.* Шахсе, ки мисли ҳамин махлуқи мистикӣ ба хоҳишу фармонҳои шахси дигар кӯр-кӯрона итоат мекунад.

**ЗОНГ, СОНГ,** [< англ. song суруд]. Суруди ҳаҷвӣ-танқидӣ дар мавзуъҳои доғи рӯз, ки дар спектаклҳои мусиқӣ, операҳои мазҳакавӣ, намоишҳо ва ғ. истифода мешавад.

**ЗОНД,** [фр. sonde]. **1**. *тиб.* Асбоби тиббии найчамонанд ё новамонанд, ки бо мақсади муоина, таҳқиқ ё доругузаронӣ ба узвҳои ковоки бадан дохил мекунанд. **2**. *геол.* Асбоби пармашакл барои кофтани чоҳҳо, тадқиқи қабатҳои зери замин ва гирифтани намунаи ҷинсҳои кӯҳӣ. **3**. Кураи ҳавоии муҷаҳҳаз бо *компютер* ё дигар асбоби худнавис, ки бо мақсади гирифтани маълумот оид ба обу ҳаво ба қабатҳои болоии атмосфера сар дода мешавад.

**ЗОНДА́Ж,** [фр. sondage]. **1**. Тадқиқ (муоина) бо ёрии *зонд*, мас. З.-и захми рӯда, З.-и *атмосфера*. **2**. Дар сиёсат, дипломатия ва ғ. – пешакӣ санҷидан, тафтиш ва аниқ кардани коре, масъалае.

**ЗОНОГРА́ФИЯ,** [лот. zonographia]. *тиб.* Як намуди *томография*, ки дар он акси қабатҳои бисёр ғафс бардошта мешавад.

**ЗОО...,** [< юн. zoon ҳайвон, махлуқи зинда]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки ба олами ҳайвонот робита доштанро ифода мекунад, мас. *зоология, зоопатология.*

**ЗООАНТРОПИ́Я,** [лот. zooanthropia]. *тиб.* Як навъ бемории рӯҳӣ – тарси ба ҳайвон табдил ёфтан.

**ЗООАНТРОПОНО́ЗҲО**, [*зоо...* + < лот. anthropos одам]. *тиб.* Бемориҳое, ки аз ҳайвонот ба одам мегузаранд.

**ЗООБЕ́НТОС,** [*зоо...* + *бентос*]. *зоол.* Маҷмӯи ҳайвоноте, ки дар қаъри баҳру уқёнусҳо ё ҳавзаҳои оби ширин зиндагӣ мекунанд. ‖ Мқс. фитобентос.

**ЗООБИОЛО́ГИЯ,** [*зоо...* + *биология*]. Биологияи ҳайвонот.

**ЗООБИОТИ́ЗМ,** [лот. zoobiotismus]. *зоол.* Муфтхӯрона зиндагӣ кардан дар бадани ҳайвон.

**ЗООБЛА́СТ,** [лот. zooblastus]. *зоол.* Ҳуҷайраи ҳайвонӣ.

**ЗООГЕНӢ,** [*зоо...* + *...генӣ*]. *геол.* Ҷинсҳои З. – ҷинсҳои кӯҳие, ки асосан аз боқимондаҳои ҳайвонот ва маҳсули фаъолияти ҳаётии онҳо таркиб ёфтаанд. ‖ Мқс. фитогенӣ.

**ЗООГЕОГРА́ФИЯ,** [*зоо...* + *география*]. *зоол., геогр.* Географияи ҳайвонот; шуъбаи *биогеография*, ки минтақаҳо, омилҳо ва қонуниятҳои паҳншавии ҳайвонотро меомӯзад.

**ЗООГО́НИЯ,** [лот. zoogonia]. *зоол.* Зиндазоӣ.

**ЗООЛА́ТРИЯ,** [*зоо…* + < юн. latreia парастиш]. *этн.* Оини ҳайвонпарастӣ; парастиши ҳайвонот, ки дар динҳои Мисри Қадим, Ҳиндустон ва баъзе мамлакатҳои диг. васеъ паҳн шуда буд.

**ЗОО́ЛОГ,** [< *зоология*]. Мутахассиси соҳаи *зоология*; ҳайвонотшинос.

**ЗООЛО́ГИЯ,** [*зоо…* + < юн. logos илм, таълимот]. Ҳайвонотшиносӣ; илм дар бораи ҳайвонот, сохт, пайдоиш, инкишоф ва паҳншавии онҳо.

**ЗООЛОГӢ,** [< *зоология*]. Мансуб ба олами ҳайвонот; о с о р х о н а и  З . – муассисаи илмие, ки дар он хӯсаю *скелетҳои* ҳайвоноти гуногун, инчунин устухонҳои ёфтшудаи ҷонварони қадима нигоҳ дошта мешавад.

**ЗООМА́ССА,** [*зоо…* + *масса*]. *зоол.* Массаи умумии як намуд ё гурӯҳи намудҳо, ки ба як воҳиди сатҳ ё ҳаҷми муҳити зист рост меояд. ‖ Мқс. биомасса, фитомасса.

**ЗООМОРФИ́ЗМ,** [*зоо…* + < юн. morphe шакл]. Дар шакли ҳайвон тасаввур кардани арвоҳ ва худоҳо.

**ЗОО́НИМҲО,** [*зоо…* + < юн. onyma ном]. *збш.* Номҳои ҳайвонот чун объекти тадқиқоти забоншиносӣ.

**ЗООНОЗОЛО́ГИЯ,** [лот. zoonosologia]. *байт.* Таснифи бемориҳои ҳайвонот.

**ЗООНО́ЗҲО,** [*зоо…* + < юн. nosos беморӣ]. **1**. *байт.* Бемориҳои сироятии ҳайвонот, мас., захми сибирӣ, тоуни чорво. **2**. *тиб.* Бемориҳои ҳайвонот, ки ба одам сироят карда метавонанд, мас., девонагӣ. ‖ Мқс. зооантропонозҳо.

**ЗООПАРАЗИТОЛО́ГИЯ,** [лот. zooparasitologia]. *зоол., байт.* Илм дар бораи ангалҳои ҳайвонот ва роҳҳои мубориза бо онҳо.

**ЗООПАТОЛО́ГИЯ,** [*зоо…* + *патология*]. Илме, ки бемориҳои ҳайвонотро таҳқиқ мекунад.

**ЗООПЛАНКТО́Н,** [*зоо…* + *планктон*]. *зоол.* Маҷмӯи ҳайвоноте, ки дар баҳру уқёнусҳо ё ҳавзаҳои оби ширин зиндагӣ мекунанд.

**ЗООПСИХОЛО́ГИЯ,** [*зоо…* + *психология*]. Психологияи ҳайвонот; соҳаи психология, ки рӯҳияи (*психикаи*) ҳайвонотро меомӯзад.

**ЗООПСИ́Я,** [лот. zoopsia]. Ба назар намудани ҳар гуна ҷонварони бадҳайбат; навъе аз фиреби босира.

**ЗООСЕНО́З (ЗООЦЕНО́З),** [*зоо…* + < юн. koinos умумӣ]. Маҷмуи ҳайвоноте, ки якҷоя дар шароити муайян зиндагӣ мекунанд.

**ЗООСИ́ДҲО (ЗООЦИ́ДҲО),** [*зоо…* + < лот. caedere куштан]. *хим.* Доруҳои заҳрноки химиявӣ аз гурӯҳи *пестисидҳо*, ки асосан барои нест кардани хояндаҳо истифода мешаванд.

**ЗООСПО́РА,** [*зоо…* + *спора*]. *биол.* Ҳуҷайраи махсуси бисёре аз обсабзҳо ва баъзе занбӯруғҳои сода, ки барои афзоиши ғайриҷинсӣ хизмат мекунад.

**ЗООСПОРА́НГИЙ,** [*зоо…* + *спорангий*]. *биол.* Узви афзоиши ғайриҷинсии бисёре аз обсабзҳо ва баъзе занбӯруғҳои сода, ки дар онҳо *зооспораҳо* пайдо мешаванд.

**ЗООТЕ́ХНИК,** [< *зоотехника*]. Мутахассиси *зоотехника* (*зоотехния*).

**ЗООТЕ́ХНИКА,** [*зоо…* + *техника*]. Ниг. *зоотехния.*

**ЗООТЕ́ХНИЯ,** [*зоо…* + < юн. techne маҳорат]. Илм дар бораи афзоиш, парвариш, ғизодиҳӣ, нигоҳубин ва истифодаи дурусти чорво, инчунин зиёд намудани маҳсулнокии он.

**ЗООТО́МИЯ,** [*зоо…* + < юн. tome чок кардан]. *зоол.*, *байт.* Соҳаи зоология, ки сохти дарунии ҳайвонотро таҳқиқ менамояд; *анатомияи* ҳайвонот.

**ЗООТРОФОТОКСИ́ЗМ,** [лот. zootrophotoxismus]. Заҳролуд шудан аз ғизоҳои ҳайвонӣ.

**ЗООФА́ГҲО,** [*зоо…* + < юн. phagos хӯранда]. *зоол.* Ҳайвоноте, ки хӯрокашон танҳо гӯшти ҳайвонҳои дигар аст. || Мқс. антропофаг, каннибал.

**ЗООФЕ́РМА,** [*зоо…* + *ферма*]. Фермаи дарандаҳо; хоҷагие, ки дар он ҳайвоноти ваҳшии мӯинадор парвариш карда мешавад.

**ЗООФИЛИ́Я,** [*зоо…* + *…филия*]. **1**. *бот.* Гардолудшавии растаниҳо бо ёрии ҳайвонот (ҳашарот, парандаҳо ва баъзан ширхӯрон). **2**. Майли шаҳвонӣ ба ҳайвон; ҷимоъ бо ҳайвон; *содомия* низ гӯянд.

**ЗООХО́РИЯ,** [*зоо…* + < юн. choreo паҳн мешавам]. *бот.* Ба воситаи ҳайвонот паҳн шудани тухм, мева ва спораҳои растанӣ. || Мқс. автохория, анемохория, антропохория.

**ЗРА́ЗА,** [< пол. zrazy]. *Котлетаҳои* гӯштине, ки дар дарунаш тухм, пиёзи бирён, панир ё ягон чизи дигар дорад.

**ЗУБР,** [< рус.]. *зоол.* Як навъ гови ваҳшӣ, ки то 3,5 м дарозию то 1,2 т вазн дорад; дар бешазорҳои Аврупо зиндагӣ мекунад.

**ЗУ́ММЕР,** [ол. Summer]. *тех.* Қатъкунандаи электромагнитии ҷараён, ки дар *радиотехника* ва дастгоҳҳои телефон истифода мешавад.

**ЗУМПФ,** [ол. Sumpf]. **1**. Зарфи калон барои ҷамъ кардани об ва маҳлулҳои омехта. **2**. Қисми поёнии чоҳи *шахта.*

**ЗЮЙД,** [< ҳол. zuiden]. **1**. Ҷануб. **2**. Шамоли ҷанубӣ.

**ЗЮЙД-ВЕСТ,** [< ҳол. zuid-west]. **1**. Ҷанубу ғарб. **2**. Шамоли ҷанубӣ-ғарбӣ.

**ЗЮЙДВЕ́СТКА,** [< ҳол. zuid-wester]. **1**. Кулоҳи (*шляпаи*) обногузари лапарвасеъ, ки маллоҳон дар вақти борон мепӯшанд. 2. *Плаши* кулоҳдори (*капюшондори*) обногузар.

**ЗЮЙД-ОСТ,** [< ҳол. zuid-oost]. **1**. Ҷанубу шарқ. **2**. Шамоли ҷанубӣ-шарқӣ.

# И

**ИАТРОМЕХА́НИКА**, [< юн. қад. iatro табиб, духтур + *механика*]. Ниг. *ятрофизика*.

**ИАТРОХИ́МИЯ**, [< юн. қад. iatro табиб, духтур + *химия*]. Ниг. *ятрохимия*.

**ИБЕ́Й**, [англ. eBay аз номи ширкати eBay]. *Сайти* ширкати eBay, ки ба воситаи он шахсони алоҳида ва ташкилотҳои саросари ҷаҳон молу хизматҳоро хариду фурӯш мекунанд.

**ИБЕ́РИЯ,** [лот. Hiberia]. **1**. Номи қадимаи Испания. **2**. Номи қадимаи Гурҷистони Шарқӣ (Картли).

**И́БИС,** [юн. ibis]. *зоол.* Гавдара; парандаи пойдарози лаклакмонанд, ки дар минтақаҳои тропикӣ ва муътадил зиндагӣ мекунад.

**ИВАСИ́**, [яп.]. *зоол.* Як навъ моҳии хурди баҳрӣ аз оилаи *селдҳо*; дарозиаш то 30 см.

**ИВРИ́Т,** [яҳ. қад.]. Ибрӣ; ибронӣ; забони ҳозираи давлатии Исроил, ки ба гурӯҳи забонҳои сомӣ дохил мешавад. ‖ Мқс. идиш.

**И́ГЛУ,** [эск. igdlu хона]. Манзили зимистонии гунбадшакли эскимосҳо, ки аз тармаю ях сохта мешавад. ‖ Мқс. юрта, яранга.

**ИГНИПУНКТУ́РА,** [< лот. ignis оташ + puncture сӯзанзанӣ]. *тиб.* Доғзанӣ; сӯзандоғ; усули тибби халқии хитоӣ – сӯзондани бофтаҳои иллатнок бо чизҳои нӯгтези тафсон, мас., бо чӯбча, сӯзан.

**ИГНИТРО́Н,** [< лот. ignis оташ + *…tron* < *электрон*]. *физ.* Асбоби ионии дорои ноқилияти яктарафа, ки ҳамчун росткунандаи пуриқтидори ҷараёни тағйирёбандаи электр истифода мешавад.

**ИГНИ́ТСИЯ (ИГНИ́ЦИЯ),** [лот. ignitio]. Дар оташ дошта сӯзондани моддаҳои органикӣ.

**ИГНИЭКСТИРПА́ТСИЯ (ИГНИЭКСТИРПА́ЦИЯ),** [лот. igniextirpatio]. Бо роҳи сӯзондан нест кардани узв ё бофта.

**И́ГРЕК,** [фр. i grec «и»-и юнонӣ]. Ҳарфи аз охир дуюми алифбои лотинӣ (y); дар *математика* И. чун рамз барои ифода кардани ададҳои номаълум ва бузургиҳои тағйирёбанда истифода мешавад. ‖ Мқс. алфа, бета, гамма.

**ИГУА́НА,** [исп. iguana]. *зоол.* Сусмори думдарозе, ки дар бешазорҳо ва кӯҳу биёбонҳои Амрикои Марказӣ ва Ҷанубӣ зиндагӣ мекунад; дарозиаш то 2 м (зиёда аз 650 намуд); гӯшту тухмаш хӯрданбобанд.

**ИГУАНОДО́Н,** [< исп. iguana + odus (odontos) дандон]. *пал.* Сусмордандон; динозаври калони растанихӯри давраи бӯр аз оилаи *орнитоподҳо*; бо ду пой роҳ мегашт; дарозиаш то 10 м (5 намуд); дандонҳояш ба дандонҳои *игуана* монанд буданд ва номаш аз ҳамин ҷост.

**ИГУ́МЕН,** [< юн. hegumenos пешрав, пешбар]. Пири дайри (*монастири*) православӣ. ‖ Мқс. архимандрит.

**ИДА́ЛГО (ИДА́ЛЬГО),** [исп. hidalgo]. *таър. Дворянин* (ашроф) ва *ритсар* (баҳодур) дар Испанияи асрҳои миёна.

**ИДЕА́Л,** [< юн. idea мафҳум, тасаввурот]. **1**. Мақсади олии саъю кӯшиш ё фаъолият. **2**. Намунаи беҳтарин барои тақлид; тимсол.

**ИДЕАЛИЗА́ТСИЯ (ИДЕАЛИЗА́ЦИЯ),** [< *идеал*]. Аз будаш беҳтар карда нишон додани ягон шахс ё ягон чиз.

**ИДЕАЛИ́ЗМ,** [< *идеал*]. **1**. *фалс.* Яке аз равияҳои асосии фалсафа, ки бар хилофи *материализм идея*, шуур ва рӯҳро якумин, *материя*, табиат ва ҳастиро бошад, дуюмин мешуморад; И.-ро ба объективӣ ва субъективӣ ҷудо мекунанд. **2**. Майл ба *идеализатсия* кардани воқеият. **3**. Ихлосмандӣ ва пайравӣ ба *идеалҳои* олии ахлоқӣ.

**ИДЕАЛИ́СТ,** [< *идеал*]. **1**. Пайрави *идеализм*. **2**. Шахсе, ки воқеиятро *идеализатсия* мекунад; хаёлпараст.

**ИДЕАЛӢ́,** [< *идеал*]. 1. *фалс.* Ҳар чизе, ки ба идея, рӯҳ ва тафаккур мансуб аст (бар хилофи ҷисмонӣ, моддӣ). **2**. Чизи хаёлӣ, чизи дар амал вуҷуднадошта. **3**. Мукаммал, олӣ, намунавӣ, муддаои табъ; ба *идеал* мувофиқ.

**ИДЕНТИФИКА́ТСИЯ (ИДЕНТИФИКА́ЦИЯ),** [< лот. identificare монанд кардан]. Монанд кардан; баробар кардан; дар *криминалистика* – муқаррар намудани айнияти объект ё шахс аз рӯи нишонаҳои умумӣ ё ҷузъӣ, мас., И.-и шахс аз рӯи изи ангуштон; дар химия – муқаррар намудани монандии пайвасти химиявии номаълум ба пайвастҳои маълум бо роҳи муқоиса кардани хусусиятҳои физикию химиявии онҳо.

**ИДЕОГРА́ММА,** [< юн. idea мафҳум + …*грамма*]. *збш.* Аломати шартии хаттӣ, ки бар хилофи ҳарфҳо на овозҳои ин ё он забонро, балки ягон мафҳуми томро ифода мекунад; дар хати иероглифӣ, мас., дар хати хитоӣ васеъ истифода мешавад.

**ИДЕОГРА́ФИЯ,** [< юн. idea мафҳум + …*графия*]. *збш.* Хатнависӣ бо ёрии *идеограммаҳо*. ‖ Мқс. пиктография.

**ИДЕО́ЛОГ,** [< *идеология*]. Сарвари ғоявӣ; ифодакунанда, ҳимоякунандаи идеологияи ягон гурӯҳи ҷамъиятӣ, синф, сохти сиёсию ҷамъиятӣ, ҳаракат ва ғ.

**ИДЕОЛО́ГИЯ,** [< юн. idea мафҳум + *...логия*]. Системаи ақидаҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, фалсафӣ, маънавӣ ва диние, ки манфиатҳои ин ё он гурӯҳи ҷамъиятӣ, синф, ҳизби сиёсӣ, ҷомеаро ифода мекунад.

**ИДЕОМОТО́РИКА,** [< юн. idea мафҳум + лот. motor муҳаррик]. Ҳаракати беихтиёр, ки бо таъсири ягон фикр ба амал меояд.

**ИДЕОМОТОРӢ,** [< юн. idea мафҳум + лот. motor муҳаррик]. Асабтаҳрикӣ; бо сигнали системаи асаб ҳаракаткунанда, мас., ҳаракати И. – пайдошавии импулсҳои асаб, ки ҳангоми тасаввур намудани ин ё он ҳаракат ин ҳаракатро ба амал меоранд.

**ИДЕОПЛА́СТИЯ,** [лот. ideoplastia]. Дар вақти *гипноз* фармони гипнозгарро иҷро намудани одам.

**ИДЕФИ́КС,** [< юн. idea мафҳум + fixe доимӣ, шилқин]. Фикри аз сар нараванда, безоркунанда, шилқин.

**ИДЕ́Я,** [< юн. idea мафҳум]. **1**. Ғоя; ақида, тасаввуроти умумӣ дар бораи ашё ё ҳодиса, раванд. **2**. Маҳсули тафаккури инсон, ки олами моддиро инъикос мекунад. **3**. Ғояи асосии асарҳои бадеӣ, илмӣ, сиёсӣ ва ғ. **4**. Ният, мақсад, нақша.

**ИДИ́ЛЛИЯ,** [< юн. eidyllion шеърча]. **1**. Яке аз жанрҳои назми атиқа (*буколика*), ки дар он зиндагии одамони одӣ, ҳаёти осудаи мардуми деҳот дар оғӯши табиат тасвир карда мешавад. ‖ Мқс. пасторал. **2**. *маҷ*. Зиндагии осоишта, хушбахтона ва фориғболона.

**ИДИОАДАПТА́ТСИЯ (ИДИОАДАПТА́ЦИЯ)**, [< юн. idios ба худ хос, махсус + *адаптатсия*]. *биол*. Дар организм пайдо шудани тағйиротҳои эволютсионӣ вобаста ба муҳити зист; яке аз шаклҳои мутобиқшавӣ ба шароитҳои муайяни ҳаёт; *алломорфоз* низ гӯянд.

**ИДИОБЛА́СТ,** [< юн. idios ба худ хос, махсус + blastos навда]. *биол*. Ҳуҷайраи растанӣ, ки аз рӯи шакл, сохт ва муҳтавои худ аз ҳуҷайраҳои боқимондаи худи ҳамон бофта фарқ мекунад.

**ИДЕОГЕНЕ́З,** [лот. idiogenesis]. Худ ба худ бе ягон сабаби берунӣ пайдо шудани беморӣ.

**ИДИОГЛОССИ́Я,** [лот. idioglossia]. Ғалат ё норавшан талаффуз кардани калимаҳо.

**ИДИОГРА́ММА,** [< юн. idios ба худ хос, махсус + *...грамма*]. *биол*. Дастаи *хромосомаҳо* дар шакли *диаграмма*.

**ИДИОЛЕ́КТ,** [< юн. idios ба худ хос, махсус + (dia)lektos диалект, лаҳҷа, шева]. *збш*. Маҷмуи хусусиятҳои забонии шахси алоҳида ё гурӯҳи одамон. ‖ Мқс. арго, диалект, жаргон.

**ИДИОЛОГИ́ЗМ,** [лот. idiologismus]. Талаффузи махсуси аҷибе, ки дар вақти баъзе бемориҳои рӯҳӣ ба мушоҳида мерасад.

**ИДИОПА́ТИЯ,** [лот. idiopatia]. *тиб.* Беморие, ки бе ягон сабаби берунӣ пайдо мешавад.

**ИДИОПЛА́ЗМА,** [лот. idioplasma]. *биол.* Плазмаи ҷанин; маводи ирсии тухмак.

**ИДИОРЕ́ФЛЕКС,** [лот. idioreflexus]. Рефлексе, ки ангезандаи он дар худи узв пайдо мешавад.

**ИДИОСПА́ЗМ,** [лот. idiospasmus]. *тиб.* Раг кашидани ягон қисми бадан.

**ИДИОТИ́П,** [лот. idiotypus]. Генотипи фардӣ; асоси ирсии ҳуҷайра.

**ИДИО́МА,** [< юн. idioma хусусияти хос]. *збш.* Ибораҳои (таъбирҳои) рехта. ‖ Мқс. фразеологизм.

**ИДИОМА́ТИКА,** [< юн. idioma хусусияти хос]. *збш.* **1**. Маҷмуи ибораҳои рехтаи (*идиомаҳои*) ягон забон. **2**. Таълимот дар бораи *идиомаҳо*.

**ИДИОСИНКРАЗИ́Я**, [< юн. idios ба худ хос, махсус + synkrasis омехташавӣ]. **1**. *тиб.* Вокуниши сахти организм ба баъзе ғизоҳо ва доруҳо; дар натиҷаи И. ҳассосият баланд гардида, дар пӯсти бадан обила ё доначаҳо пайдо мешаванд; бод. ‖ Мқс. аллергия, диатез. **2**. *маҷ.* Нафрат, кароҳат нисбати чизе ё касе.

**ИДИО́Т,** [< юн. idiotes хусусияти ба худ хос]. **1**. Ноқисулақл; камақли модарзод. **2**. *гуфт.*, *дашн.* Аблаҳ, аҳмақ.

**ИДИОТИ́ЗМ,** [юн. idiotisme]. **1**. *тиб.* Ниг. *идиотия*. **2**. *гуфт., дашн.* Аблаҳӣ, аҳмақӣ.

**ИДИОТИ́Я,** [< юн. idioteia ҷаҳолат, нодонӣ]. *тиб.* Шакли вазнинтарини камақлии модарзодӣ (*олигофрения*); ҳангоми И. доираи тафаккур, тасаввур ва идрок маҳдуд буда, ҳиссиёт кунд аст, нутқ инкишоф намеёбад.

**И́ДИШ,** [ол. judisch яҳудӣ]. Забони гуфтугӯии яҳудӣ, ки дар асрҳои миёна дар асоси *грамматикаи* забони олмонӣ ва *лексикаи* забони яҳудии қадим ба вуҷуд омадааст; дар Исроил забони *иврит* ҷои И.-ро танг карда, онро аз истеъмол баровард.

**И́ДО**, [< эсп. ido насл]. Яке аз забонҳои сунъии байналмилалӣ, ки соли 1907 дар асоси забони *эсперанто* сохта шудааст.

**ИДОКРА́З,** [англ. idocrase]. *маъд.* Минерал аз гурӯҳи силикатҳои ҷазиравӣ – *силикати* калсий, алюминий, магний, оҳан; чун санги ороишӣ истифода мешавад.

**ИДУМЕ́ЙҲО,** [< яҳ. қад.]. Аҳолии минтақаи ҷанубу шарқии Фаластин, авлоди эдомитиҳои қадим; дини яҳудиёнро қабул намуда, бо онҳо омехта шудаанд.

**ИЕГОВИ́СТҲО,** [< яҳ. қад. Иегова (Яҳво)]. **1**. «Ҷамъияти шоҳидони Иегова»; мазҳаби протестантӣ, ки соли 1872 дар ИМА чун «Ҷамъияти байналмилалии муҳаққиқони Библия» таъсис дода шудааст; И. Иеговаро (Яҳворо) худои ягона ва Исоро зода ва муриди ӯ медонанд. **2**. Аъзои ҳамин мазҳаб.

**ИЕЗУИ́Т,** [< лот. Societas Jesu «Ҷамъияти Исо»]. **1**. Рӯҳонии католикӣ, узви «Ҷамъияти Исо» ном ташкилоти (*ордени*) католикие, ки соли 1534 бо мақсади мустаҳкам намудани ҳукумати папаи Рим ва *католитсизм*, мубориза бар зидди Ислоҳот (*протестантизм*), илму маърифат ва пешрафти иҷтимоӣ таъсис ёфта буд. **2**. *маҷ*. Одами мунофиқ ва маккору дурӯя.

**ИЕ́НА,** [< яп.]. **1**. Тангаи қадимаи тиллоии Япония, ки дар таркибаш 1,5 г тиллои холис дошт. **2**. Аз соли 1870 воҳиди пули Япония, ки ба 100 сен баробар аст.

**ИЕРА́РХ,** [< юн. hierarches ҳокими муқаддас]. Рӯҳонии олии насронӣ (*митрополит, патриарх, епископ, архиепископ*).

**ИЕРА́РХИЯ,** [< юн. hieros муқаддас + arche ҳокимият]. **1**. Тартиби ҷойгиршавии ҷузъҳо ё унсурҳои чизи том аз боло ба поён. **2**. Зинаи мартабот; тартиби тобеияти ташкилоту муассисаҳои поёнӣ ба болоӣ (тобеияти мансаб ва мартабаҳои пасттар ба баландтар).

**ИЕРАТИКӢ,** [< юн. hieratikos муқаддас]. *збш*. Х а т и  И . – хати тезнависи Мисри қадим, ки аз иероглифҳо иборат аст.

**ИЕРЕ́Й,** [< юн. hieros муқаддас]. Номи расмии рӯҳонии православӣ.

**ИЕРОХОНӢ,** [< яҳ. қад.]. Паст ва бақувват (дар бораи овоз); к а р н а й ҳ о и  И . – карнайҳое, ки исроилиён дар асри 12 то милод ҳангоми муҳосираи ш. Иерихон навохтаанд ва аз овози онҳо гӯё деворҳои ин шаҳр фурӯ афтидаанд.

**ИЕРО́ГЛИФ,** [< юн. hieros муқаддас + glyphe ҳаккокишуда]. **1**. Аломати тасвирии (суратмонанди) хат, ки мафҳум, калима ё ҳиҷоро ифода мекунад, мас., дар хати хитоӣ. **2**. *маҷ*. Хати бадхон, душворхон. **3**. *геол*. Хатҳо ё ҷӯякчаҳои каҷу килеби рӯи ҷинсҳои кӯҳӣ, ки изи кирму *моллюскҳои* мурдарафта мебошанд. **4**. *фалс*. Н а з а р и я и  и е р о г л и ф ҳ о – яке аз шаклҳои *агноститсизм*; назарияе, ки мувофиқи он эҳсосоту идроки одам инъикоси ашёву равандҳои ба таври объективӣ мавҷудбуда не, балки рамзҳои шартӣ мебошанд.

**ИЕРОГЛИ́ФИКА,** [< *иероглиф*]. Маҷмуи *иероглифҳои* ин ё он забон, мас., И.-и хитоӣ.

**ИЗАБЕ́ЛЛА,** [< исп. Isabe – номи маликаи Кастиля (1451-1504)]. Навъи ангури сиёҳи хушбӯй ва майе, ки аз ин ангур тайёр мекунанд.

**ИЗИ́ДА, ИСИ́ДА,** [юн. Isida]. Дар асотири юнониёни қадим – духтари Геб ва Нут, олиҳаи ҳосил, об, бод, афсунгарӣ, баҳрнавардӣ, ҳомии мурдагон; чун зани говсар тасвир карда мешуд.

**...-ИЗМ,** [рус. < лот. -isma.]. Пасванди калимасоз; бо исмҳои хос ва ҷинс ҳамроҳ шуда, исмҳои наве месозад, ки маънoҳои зеринро ифода мекунанд: номи ҷараёнҳо, равияҳо, ҳаракатҳои сиёсию ҷамъиятӣ, ақидаҳои фалсафӣ, таълимоти илмӣ, тамоюлҳо (дарвинизм, ленинизм, марксизм, терроризм, экстремизм, авангардизм, артистизм, символизм); номи унсурҳои забон, нутқ (архаизм, неологизм, диалектизм, американизм).

**ИЗО...,** [< юн. isos баробар, якхела]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои якхела, баробарӣ, монандӣ, мас., *изобарҳо*, *изотопҳо*.

**ИЗОАМИЛАСЕТА́Т (ИЗОАМИЛАЦЕТА́Т),** [< *изо...* + *амиласетат*]. *хим.* Моеъи беранги органикӣ, ки бӯйи мева мекунад; чун ҳалкунандаи локу рангҳо истифода мешавад.

**ИЗОАМПЛИТУ́ДА,** [< *изо...* + *амплитуда*]. Хат дар харитаи географӣ, ки нуқтаҳои *амплитудаи* якхелаи ягон нишондиҳандаи *метеорологиро* (мас., фишор, ҳарорат ва ғ.-ро) пайваст мекунад.

**ИЗОАНЕМО́НА,** [< *изо...* + юн. anemos бод]. Хат дар харитаи географӣ, ки нуқтаҳои суръати якхелаи миёнаи солонаи бодро пайваст мекунад.

**ИЗОА́ТМА,** [< *изо...* + юн. atmos бухоршавӣ]. Хат дар харитаи географӣ, ки нуқтаҳои бузургии якхелаи бухоршавиро пайваст мекунад.

**ИЗОБА́ЗА,** [< *изо...* + юн. basis асос, таҳкурсӣ, поя]. Хат дар харитаи географӣ, ки нуқтаҳои бузургии якхелаи пасту баландшавии қитъаҳои сатҳи заминро пайваст мекунад.

**ИЗОБА́РА,** [< *изо...* + юн. baros вазнинӣ]. Хат дар харитаи географӣ, ки нуқтаҳои фишори якхелаи атмосфериро пайваст мекунад.

**ИЗОБА́РҲО,** [< *изо...* + юн. baros вазнинӣ]. *физ.* Ядроҳои атом, ки дар онҳо шумораи *нуклонҳо* якхела буда, шумораи *протонҳо* ва *нейтронҳо* гуногун аст.

**ИЗОБА́ТА,** [< *изо...* + юн. bathos чуқурӣ]. Хат дар харитаи географӣ, ки нуқтаҳои чуқуриҳои якхелаи ҳавзаҳои обро пайваст мекунад.

**ИЗОБУТИЛЕ́Н,** [< *изо...* + *бутилен*]. *хим.* Пайвасти органикӣ, гази беранге, ки аз изобутан ва спирти изобутилӣ ҳосил мешавад; барои истеҳсоли полиизобутилен ва каучуки синтетикӣ истифода мешавад.

**ИЗОГАЛИ́НА,** [< *изо...* + юн. hals намак]. Хат дар харитаи географӣ, ки нуқтаҳои оби шӯриаш якхеларо пайваст мекунад.

**ИЗОГАМЕ́ТА,** [лот. isogametae]. *биол. Гаметаҳое*, ки сохту андозаашон як хел аст; гаметаи организмҳое, ки *диморфизми* таносулӣ надоранд.

**ИЗОГА́МИЯ,** [< *изо...* + *...гамия*]. *биол.* Яке аз намудҳои бордоршавии обсабзҳо, занбӯруғҳо ва содатаринҳо, ки ҳангоми он ҳуҷайраҳои ҷинсии (*гаметаҳои*) шаклан якхела, вале хусусиятҳои биохимиявӣ ва физиологияшон ҳархела бо якдигар пайваст (ҷуфт) мешаванд. || Мқс. гетерогамия.

**ИЗОГЕОТЕ́РМА,** [< *изо...* + *гео* + юн. therme гармӣ, ҳарорат]. Хат дар харитаи географӣ, ки нуқтаҳои қишри замини гармиашон якхеларо пайваст мекунад.

**ИЗОГИЕ́ТА,** [< *изо...* + юн. hyetos борон]. Хат дар харитаи географӣ, ки нуқтаҳои миқдори якхелаи боришоти атмосфериро пайваст мекунад.

**ИЗОГИ́ПСА,** [< *изо…* + юн. hypsos баландӣ]. Хат дар харитаи географӣ, ки баландиҳои баробари сатҳи *изобариро* пайваст мекунад.

**ИЗОГЛО́ССА,** [< *изо…* + юн. glossa забон]. Хат дар харитаи географӣ, ки минтақаҳои паҳншавии ягон ҳодиса ё аломати забониро, мас., шева, лаҳҷаро, нишон медиҳад.

**ИЗОГО́НА,** [< *изо…* + юн. gonia кунҷ]. **1**. Хат дар харитаи географӣ, ки нуқтаҳои тамоюли магнитиашон якхеларо пайваст мекунад. **2**. Хат дар харитаи географӣ, ки нуқтаҳои самти якхелаи бодро пайваст мекунад.

**ИЗОГОНАЛӢ,** [< *изо…* + юн. gonia кунҷ]. *геом*. Баробаркунҷ. || Мқс. ортогоналӣ.

**ИЗО́ГРАФ,** [< *изо…* + *…граф*]. *кӯҳна*. Рассом, мусаввир, иконакаш.

**ИЗОГРА́ФИЯ,** [< *изо…* + *…графия*]. Санъати нусхабардорӣ аз хат, дастнавис, имзо ва ғ.

**ИЗОДИНА́МА,** [< *изо…* + юн. dynamis қувва]. Хат дар харитаи географӣ, ки нуқтаҳои шиддати майдони магнитиашон якхелаи Заминро пайваст мекунад.

**ИЗОЗИ́МҲО,** [< *изо…* + *энзимҳо*]. *хим., физиол*. Ниг. *изоферментҳо*.

**ИЗОКЛИ́НА,** [< *изо…* + юн. klino хам мекунам]. Хат дар харитаи географӣ, ки нуқтаҳои тамоюли магнитиашон якхеларо пайваст мекунад; *изогона* низ гӯянд.

**ИЗО́Л,** [фр. isol]. Масолеҳи чандиру обногузари гидроизолятсионӣ ва бомпӯш аз омехтаи резину битум ва асбест.

**ИЗОЛЕЙТСИ́Н (ИЗОЛЕЙЦИ́Н),** [< *изо…* + *лейтсин*]. *хим.* Аминокислотаи *алифатӣ*, ки дар таркиби ҳамаи сафедаҳои табиӣ вуҷуд дорад.

**ИЗОЛЯ́ТОР,** [< фр. isolateur]. **1**. Ҷисм ё моддае, ки қувваи электр, гармӣ, овозро аз худаш бад мегузаронад. || Мқс. диэлектрик. **2**. Хонаи махсус барои нигоҳ доштани беморони ба касалии сироятӣ гирифторшуда. || Мқс. бокс. **3**. И.-и тафтишотӣ – маҳбас барои муваққатан нигоҳ доштани шахсони дар ҷиноятe гумонбаршуда.

**ИЗОЛЯТСИОНИ́ЗМ (ИЗОЛЯЦИОНИ́ЗМ),** [англ. isolationism]. Маҳдудиятпарастӣ; равияе дар сиёсати берунии ИМА, ки тарафдорони он дахолат накардан ва ҳамроҳ нашудан ба низоъҳои мусаллаҳона дар мамлакатҳои берун аз қитъаи Амрикоро талаб мекарданд; И. аз миёнаҳои асри 19 оғоз ёфта, чанд муддат идома ёфт, вале баъди ҷанги дуюми ҷаҳон ИМА аз ин сиёсат тамоман рӯй гардонд.

**ИЗОЛЯ́ТСИЯ (ИЗОЛЯ́ЦИЯ),** [< фр. isolation ҷудо кардан]. **1**. *биол*. Пайдошавии монеаҳое, ки ба ҷуфтшавии озодонаи организмҳои зинда халал мерасонанд (мас., монеаҳои ҳудудӣ, механикӣ, экологӣ, физиологӣ, генетикӣ ва ғ.). **2**. *тиб*. Ҷудо нигоҳ доштани одамони гирифтори бемориҳои сироятӣ аз одамони солим бо роҳи хобондан дар беморхона, дар шароити хона бошад, барои онҳо ҷудо кардани рахти хоб, зарф ва дигар ашёи алоҳида. **3**. Бо ёрии *диэлектрик* (мас., таҷридтасма –

изолента) аз якдигар ҷудо нигоҳ доштани ноқилҳои *зарядашон* гуногун. **4**. И.-и байналмилалӣ – маҳдуд намудани робитаҳои тиҷоратӣ, дипломатӣ, фарҳангии ягон мамлакат бо мамлакатҳои диг.

**ИЗОМЕ́РҲО,** [< *изо…* + юн. meros ҳисса, қисм]. *хим.* Моддаҳое, ки таркиби химиявӣ ва вазни молкулиявиашон як буда, вале сохт, ҷойгиршавии атомҳояшон дар фазо ва хусусиятҳои физикию химиявиашон гуногунанд.

**ИЗОМОРФИ́ЗМ,** [< *изо…* + юн. morphe шакл]. *хим., физ.* Қобилияти дар пайвастҳои *кристаллӣ* якдигарро иваз намудани элементҳои химиявии хусусиятҳояшон ба якдигар монанд.

**ИЗОМОРФӢ,** [< *изо…* + юн. morphe шакл]. *хим.* Қаторҳои И. – қаторҳои элементҳои химиявӣ (мас., қаторҳои *диагоналии* системаи даврӣ), ки метавонанд дар пайвастҳо якдигарро иваз намуда, *кристаллҳои* омехта ба вуҷуд оранд.

**ИЗОНЕ́ФА,** [< *изо…* + юн. nephos абр]. Хат дар харитаи географӣ, ки нуқтаҳои абрнокиашон якхеларо пайваст мекунад.

**ИЗООСМИ́Я,** [< *изо…* + юн. osmos фишор]. *биол.* Доимӣ будани фишори *осмотикӣ* дар моеъ ва бофтаҳои организм; *изотония* низ гӯянд.

**ИЗОПИ́КНА,** [< *изо…* + юн. pyknos зич, ғализ]. **1**. Хат дар харитаи географӣ, ки нуқтаҳои зичиашон (ғализиашон) якхелаи обро пайваст мекунад. **2**. Хат дар *диаграмма*, ки нуқтаҳои зичиашон (ғализиашон) якхелаи моддаро пайваст мекунад.

**ИЗОПИ́Я,** [лот. isopia]. Як хел будани қувваи биноии ҳарду чашм.

**ИЗОПЛА́СТИКА,** [лот. isoplastica]. *тиб.* Кӯчонда шинондани бофтаҳо аз ҷонварони дигари ҳамон намуд.

**ИЗОПРЕ́Н,** [англ. isoprene]. *хим.* Моеъи беранге, ки дар истеҳсоли каучуки сунъӣ, резин, пойафзол, маснуоти тиббӣ ва варзишӣ истифода мешавад.

**ИЗОСЕ́ЙСТА,** [< *изо…* + юн. seistos ларзон]. Хат дар харитаи географӣ, ки нуқтаҳои заминҷунбии қувваaш якхеларо пайваст мекунад.

**ИЗОСИЛЛАБИ́ЗМ,** [< *изо…* + юн. syllabe ҳиҷо]. *адш.* Баробарҳиҷоӣ; баробарии ҳиҷоҳо дар мисраъҳои шеър.

**ИЗОСО́ФТ**, [англ. izosoft]. Як навъ матои сабуку чандир, ки аз нахҳои полиэстерӣ бофта шудааст; гармиро нигоҳ дошта, ҳаворо нағз мегузаронад; асосан барои дӯхтани либосҳои варзишӣ истифода мешавад.

**ИЗОТЕРМИ́Я,** [< *изо…* + юн. therme гармӣ, ҳарорат]. *физиол.* Доимӣ будани ҳарорати бадани организмҳои гармхун; И.-ро равандҳои физикию химиявӣ танзим менамоянд.

**ИЗОТОНИ́Я,** [< *изо…* + юн. tonos шиддат]. **1**. *хим., физ.* Якхелагии шиддат, фишор. **2**. *биол.* Доимӣ будани фишори *осмотикӣ* дар моеъ ва бофтаҳои организм; *изоосмия* низ гӯянд.

**ИЗОТО́ПҲО**, [< *изо…* + юн. topos ҷой]. *физ.* Атомҳои ҳамон як элементи химиявӣ, ки массаҳои гуногун доранд, вале аз ҷиҳати хосиятҳои химиявӣ ва физикии худ аз якдигар қариб фарқ намекунанд ва дар системаи даврии Менделеев дар як ҷо меистанд; ядроҳои онҳо аз ҷиҳати миқдори *нейтронҳо* фарқ мекунанд, аммо миқдори *протонҳояшон* якхела аст.

**ИЗОФЕРМЕ́НТҲО,** [< *изо…* + *ферментҳо*]. *хим., физ. Ферментҳое*, ки аз ҷиҳати сохт ва хусусиятҳои физикию химиявӣ гуногунанд, вале худи ҳамон як *реаксияро* ангезиш медиҳанд (тағйир медиҳанд, суръат мебахшанд ва ғ.).

**ИЗОХИНОЛИ́Н**, [< *изо…* + *хинолин*]. Кристалли беранг, пайвасти органикие, ки якҷоя бо хинолин дар қатрони ангиштсанг вуҷуд дорад.

**ИЗОХИО́Н,** [< *изо…* + юн. chion барф]. Хат дар харитаи географӣ, ки нуқтаҳои ғафсии якхелаи қабати барфро пайваст мекунад.

**ИЗОХРО́НА,** [< *изо…* + юн. chronos вақт]. Ниг. *изофена.*

**ИЗОХРОНИ́ЗМ,** [< *изо…* + юн. chronos вақт]. Садодиҳии баробармуддати воҳиди нутқ; вазни шеър ба И. асос меёбад.

**ИЗОХРОНӢ,** [< *изо…* + юн. chronos вақт]. Л а р з и ш и  ( л а п п и ш и )  И. – ларзиши (лаппиши) баробармуддат.

**ИЗОЭНЗИ́МҲО,** [< *изо…* + *энзимҳо*]. *хим., физ.* Ниг. *изоферментҳо.*

**ИКЕБА́НА,** [< яп]. **1**. Санъати гулдастасозӣ, ки дар Япония маъмул аст. **2**. Гулдастае, ки бо ҳамин санъат сохта шудааст.

**ИКО́НА,** [< юн. eikon мусаввара]. Дар дини насронӣ – сурати муқаддаси Исои Масеҳ, Модархудо, авлиёву фариштаҳо, ки онро муътақидон парастиш мекунанд.

**ИКОНОГРА́ФИЯ,** [< юн. eikon мусаввара + *…графия*]. **1**. Дар санъатшиносӣ – тавсиф ва омӯзиши инъикоси ашхос ё сюжети динӣ дар асарҳои рассомӣ ва муҷассамасозӣ. **2**. Маҷмуи қоидаҳое, ки мусаввир бояд ҳангоми тасвири ашхос ва сюжетҳои динӣ ё асотирӣ риоя намояд.

**ИКОНОСКО́П,** [< юн. eikon мусаввара + skopeo нигоҳ мекунам]. *тех.* Найчаи ирсолкунандаи телевизион, ки тасвири оптикиро ба сигнали электрикӣ табдил медиҳад.

**ИКОНОТЕ́КА,** [< юн. eikon мусаввара + theke сандук]. Маҷмуи мусаввараҳо дар мавзуи муайян.

**ИКОСА́ЭДР,** [< юн. eikosi бист + hedra рӯ, тараф]. *геом.* Бистрӯя.

**ИКС,** [лот.]. **1**. Номи ҳарфи аз охир сеюми алифбои лотинӣ (X, x); дар математика барои ифода намудани бузургии маҷҳул ё бузургии мустақили тағйирёбанда (*аргумент*) истифода мешавад. **2**. И . - н у р ҳ о – нурҳои *рентгенӣ*.

**ИКСОДИО́З,** [лот. ixodiosis]. *тиб*. Беморие, ки аз газидани канаҳо пайдо мешавад.

**ИКТИДОЗА́ВР,** [< юн. iktis савсор + sauros сусмор]. *пал*. Ҳайвони майдаи муҳрадори охири давраи *триас* ва аввали давраи *юра* аз гурӯҳи *териодонтҳо*.

**ИЛЕОКОЛИ́Т,** [лот. ileocolitis]. *тиб*. Газаки рӯдаҳои тиҳигоҳӣ ва ғафс.

**И́ЛЕУМ,** [юн. eileum]. *анат*. Рӯдаи тиҳигоҳӣ; сеяки поёни рӯдаи борик.

**И́ЛЕУС,** [юн. eileos]. *тиб*. Басташавии (қабзияти) ногаҳонии рӯда.

**ИЛЛЮЗИОНИ́ЗМ**, [< лот. *иллюзия*]. **1**. *санъ*. Дар эстрада ва сирк – чашмбандӣ, шуъбадабозӣ, фиреби босира. **2**. *фалс*. Равияи фалсафие, ки тамоми олами берунӣ ва кулли арзишҳои маънавиро танҳо аз фиреби ҳиссиёт иборат медонаду бас.

**ИЛЛЮЗИОНИ́СТ,** [< лот. *иллюзия*]. **1**. Чашмбанд; шуъбадабоз. **2**. Пайрави равияи *иллюзионизм* (маънои 2).

**ИЛЛЮ́ЗИЯ,** [< лот. illusio фиреб, гумроҳӣ]. **1**. Фиреби эҳсос; ҳақиқат пиндоштани як чизи эҳтимолӣ. **2**. *маҷ*. Хаёли ботил; умеди беасос; орзуи хом. || Мкс. мираж.

**ИЛЛЮЗОРӢ,** [< лот. *иллюзия*]. Хаёлӣ, хом, пуч, фиребанда.

**ИЛЛЮМИНА́Т,** [< лот. illuminatus мунаввар]. *таър*. Узви ҷамъияти махфии динию сиёсӣ дар Аврупо (асосан дар Бавария) дар нимаи дуюми асри 18.

**ИЛЛЮМИНА́ТОР,** [< лот. illuminator мунир, равшанидиҳанда]. **1**. Тирезаи мудаввар ё росткунҷаи киштӣ, ҳавопаймо, фалакпаймо. **2**. Устое, ки харита ва расму нақшаҳоро рангубор медиҳад.

**ИЛЛЮМИНА́ТСИЯ (ИЛЛЮМИНА́ЦИЯ),** [< лот. illuminatio танвир, равшан кардан]. **1**. Чароғонӣ; бо чароғҳо ва дигар воситаҳои равшанидиҳандаи рангоранг ороиш додани кӯчаҳо, майдонҳо, намои иморатҳо ва ғ. ба муносибати иду тантанаҳо. **2**. Дар харитаю нақшаҳо ранг кардани дарёҳо, баҳрҳо ва ғ.

**ИЛЛЮСТРА́ТОР,** [лот. illustrator]. Рассоме, ки ба матни китоб, маҷалла, рӯзнома сурат мекашад.

**ИЛЛЮСТРА́ТСИЯ (ИЛЛЮСТРА́ЦИЯ),** [лот. illustratio]. **1.** Сурате, ки матни китоб, маҷалла, рӯзномаро шарҳ медиҳад ё пурра мекунад. **2**. Шарҳу эзоҳ додан бо ёрии суратҳо, нақшаҳо ва дигар воситаҳои аёнӣ.

**ИЛО́Т,** [лот. heilos]. **1**. Дар Спартаи Қадим – деҳқоне, ки моликияти давлат ба ҳисоб рафта, аз ғулом қариб фарқ надошт. **2**. *маҷ*. Одами беҳуқуқ.

**ИМА́ГО,** [лот. imago]. *зоол*. Зинаи охирини инкишофи фардии ҳашарот, инчунин худи ҳашарот дар ин зина.

**ИМАЖИНИ́ЗМ,** [< фр. image симо, образ]. Симопарастӣ; ҷараёни рӯҳафтодагии *декадентӣ* дар назми аввали асри 20-и Англия, Амрико ва Россия; пайравони ин ҷараён шаклпарастиро аз маънӣ боло гузошта, тасдиқ менамуданд, ки мақсади фаъолияти эҷодӣ офаридани симоҳои (*образҳои*) алоҳида аст.

**ИМБЕТСИЛӢ (ИМБЕЦИЛӢ),** [< лот. imbecillus суст, заиф]. *тиб.* Одами И. – ноқисулақли модарзод; захираи луғавии чунин бемор ниҳоят кам буда, ба ӯ ёд додани ҳисоб ва китобхонӣ имконнопазир аст. || Мқс. дебил, идиот.

**И-МЕ́ЙЛ, И-МЭ́ЙЛ, ИМЕ́ЙЛ, Э-МЕЙЛ,** [< англ. e-mail [< e(lectronic) электронӣ+ mail почта]. *инф.* Почтаи электронӣ; усули алоқаи электронӣ бо ёрии *Интернет*, ки барои фиристодан ва қабул кардани матн, сурат ва ғ. аз як *компютер* ба компютери дигар имкон медиҳад.

**И́МИҶ (И́МИДЖ),** [< фр., англ. image симо, образ]. **1**. Тасаввуроти атрофиён дар бораи ин ё он шахс, хислатҳои рӯҳӣ, симои зоҳирӣ ва рафтори ӯ. **2**. Симои (*образи*) сохтаи шахс, ҳодиса ё ашё бо мақсади ташҳир, *реклама* ва ғ.

**ИМИҶ... (ИМИДЖ...)**, [< фр., англ. image симо, образ]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки ба *имиҷ* (маънои 2) робита доштанро ифода мекунад, мас., имиҷ-консалтинг, *имиҷ-мэйкер*, имиҷ-мушовир.

**ИМИҶМЭ́ЙКЕР, ИМИҶМЕ́ЙКЕР (ИМИДЖМЭ́ЙКЕР, ИМИДЖМЕ́ЙКЕР),** [англ. imagemaker образсоз]. Имиҷсоз; созандаи образи шахс, хизмат, мол ва ғ., мас., мутахассисе, ки ба одами шуҳратхоҳ дар бораи чи тавр муомилаву рафтор кардан, чи гуна либос пӯшидан, чи тарз гап задан ва ғ. маслиҳатҳо медиҳад; нақши И. дар сиёсат ва *шоу-бизнес* хеле калон аст.

**ИМИТА́ТОР,** [< лот. imitator тақлидкунанда]. Муқаллид, тақлидгар; шахсе, ки ба ягон кас ё ба ягон чиз тақлид мекунад.

**ИМИТА́ТСИЯ (ИМИТА́ЦИЯ),** [лот. imitatio]. **1**. Тақлид кардан. **2**. Қалбакӣ. **3**. *мус.* Такрор кардани оҳанг бо овози дигар.

**ИММАНЕНТӢ,** [< лот. immanens хос]. **1**. Чизе, ки ботинан ба ягон ашё, ҳодиса, раванд хос аст. **2**. *фалс.* Фалсафаи И. – равияи субъективӣ-идеалистӣ дар фалсафаи охири асри 19, яке аз шаклҳои *махизм*; даъво мекунад, ки гӯё ҳастӣ танҳо мазмуни дохилии шуур буда, олами объективӣ берун аз шуур вуҷуд дошта наметавонад.

**ИММЕЛМАН (ИММЕЛЬМАН),** [аз номи ҳавонаварди олмонӣ М. Иммелман (1890-1916)]. Ҳаракати ҳавонавардии (*пилотажи*) дараҷаи олӣ; нимҳалқае, ки дар нуқтаи болоии гардиши 180° анҷом меёбад; бо мақсади гузаштан ба парвози уфуқӣ иҷро карда мешавад.

**ИММЕРСИОНӢ,** [< лот. immersio ғӯтондан]. *физ.* Мансуб ба чен кардани инкисори ҷисмҳои сахт ҳангоми ба моеъ ғӯтондани онҳо.

**ИММЕ́РСИЯ,** [< лот. immersio]. 1. Ғӯтондан, ғарқ кардан. 2. Дар байни объективи заррабин (микроскоп) ва ашёи тадқиқшаванда ҷой додани моеъ (одатан равғани ҷалғӯза) бо мақсади равшантар ва калонтар шудани тасвир.

**ИММИГРА́НТ,** [< лот. immigrans маскуншуда]. 1. Муҳоҷир; шахсе, ки барои истиқомати доимӣ ё дарозмуддат ба мамлакати дигар омадааст. || Мқс. мигрант, эмигрант. 2. *биол.* Намуд, ҷинс, оилаи ҳайвонот, ки дар дар ҷои дигар пайдо шуда, инкишоф ёфтааст ва баъдтар дар ин ё он мавзеъ маскун шудааст.

**ИММИГРА́ТСИЯ (ИММИГРА́ЦИЯ),** [< лот. immigratio маскуншавӣ]. Муҳоҷират.

**ИММОБИЛИЗА́ТСИЯ (ИММОБИЛИЗА́ЦИЯ),** [< лот. immobilis беҳаракат]. *тиб.* Шикастабандӣ; бо ёрии гаҷ, тахтачӯб ва масолеҳи диг. беҳаракат, ноҷунбон кардани ягон қисми бадан ҳангоми шикастан ё беҷо шудани он.

**ИММОРАЛИ́ЗМ,** [< лот. im не + moralis ахлоқ]. Бадахлоқӣ; фосиқӣ; инкор намудани принсипҳои ахлоқӣ, виҷдон, шараф ва меъёрҳои рафтори дар ҷомеа эътирофшуда; *аморализм* низ гӯянд.

**ИММОРТЕ́Л (ИММОРТЕ́ЛЬ)[1],** [< лот. immortalis намиранда]. *бот.* Гули ҳамешабаҳор; тугмагул; номи як қатор растаниҳои гулҳояшон пажмурданашаванда.

**ИММОРТЕ́Л (ИММОРТЕ́ЛЬ)[2],** [< лот. immortalis намиранда]. Дар Фаронса узви академияи улум, ки умрбод интихоб карда мешавад.

**ИММУНИЗА́ТСИЯ (ИММУНИЗА́ЦИЯ),** [< лот. immunis дахлнопазир]. *тиб.* Усули ба вуҷуд овардани масунияти (*иммунитети*) сунъӣ бо роҳи тазриқи *ваксинаҳо* (*ваксинатсия*).

**ИММУНИТЕ́Т[1],** [< лот. immunitas халосшавӣ]. 1. *тиб.* Масуният; қобилияти ба бемориҳои сироятӣ ё таъсири заҳрҳо муқобилият нишон додани организм. 2. Маҷмуи ҳуқуқу имтиёзҳои махсусе, ки аз онҳо баъзе одамон (мас., вакилони халқии мақомоти қонунбарор, дипломатҳо) истифода мебаранд.

**ИММУНИТЕ́Т[2],** [< лот. immunitas халосшавӣ]. *таър.* Дар баъзе мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ – маҷмуи ҳуқуқҳои *феодал*, ки дар асоси онҳо феодал метавонад баъзе вазифаҳои давлатиро бе дахолат ё ризоияти ҳокимияти марказӣ иҷро намояд (мас., суд кунад, андоз ғундорад ва м. инҳо).

**ИММУНО…,** [< *иммунитет*]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки робита бо масуниятро ифода мекунад, мас., *иммунотерапия, иммуногенетика*.

**ИММУНОГЕНЕ́З,** [< *иммуно…* + *…генез*]. Раванди ташаккул ва инкишофи масуният.

**ИМУННОГЛОБУЛИ́НҲО**, [< *иммуно…* + *глобулинҳо*]. Сафедаҳои зардоб ва тарашшуҳоти одаму ҳайвонот, ки мисли подтанҳо фаъол буда, дар муҳофизати организм аз ангезандаи бемориҳои сироятӣ иштирок мекунанд.

**ИММУНОДЕПРЕССА́НТҲО,** [< *иммуно… + депрессантҳо*]. *тиб.* Доруҳое, ки аксуламалҳои масунии организмро фурӯ нишонда, масуниятро паст мекунанд.

**ИММУНОДЕФИТСИ́Т (ИММУНОДЕФИЦИ́Т),** [< *иммуно… + дефитсит*]. *тиб.* Каммасуниятӣ; норасоии масуният; нуқсони модарзодӣ ё муҳассали масуният, ки дар натиҷаи он организм наметавонад ба бемориҳо муқобилият нишон диҳад.

**ИММУНОДИАГНО́СТИКА,** [< *иммуно… + диагностика*]. *тиб.* Усули ташхиси бемориҳои сироятӣ бо ёрии вокунишҳои серологӣ (зардобӣ) ва озмоишҳои ташхиси аллергӣ.

**ИММУНОЛО́ГИЯ,** [< *иммуно… + …логия*]. *тиб.* Масуниятшиносӣ; илм дар бораи вокунишҳои муҳофизатии организм, ноҳассосии одам ва ҳайвонот ба бемориҳои сироятӣ, инчунин ба заҳрҳо.

**ИММУНОМОРФОЛО́ГИЯ,** [< *иммуно… + морфология*]. *тиб.* Соҳаи тиб, ки *анатомия*, *гистология* ва *тситологияи* системаи лимфавии организмро меомӯзад.

**ИММУНОПАТОЛОГИЯ,** [< *иммуно… + патология*]. *тиб.* Яке аз фаслҳои *иммунология*, ки бемориҳои дар натиҷаи вокунишҳои масунӣ пайдошударо меомӯзад.

**ИММУНОПРОФИЛА́КТИКА,** [< *иммуно… + профилактика*]. *тиб.* Пешгирии бемориҳои сироятии одам ва ҳайвонот бо роҳи ба вуҷуд овардани масунияти сунъӣ (*иммунизатсия*) ё бо ёрии зардобҳо.

**ИММУНОТЕРАПИ́Я,** [< *иммуно… + терапия*]. *тиб.* Масуниятдармонӣ; табобати бемориҳои сироятӣ ва баъзе бемориҳои диг. бо ёрии *анатоксинҳо, ваксинаҳо*, зардобҳо ва *гамма-глобулинҳо*.

**ИММУНОХИ́МИЯ,** [< *иммуно… + химия*]. *тиб.* Яке аз фаслҳои *иммунология*, ки омилҳои биохимиявии ба вуҷуд омадани масуниятро тадқиқ менамояд.

**ИММУРА́ТСИЯ (ИММУРА́ЦИЯ),** [< лот. im дар + murus девор]. *геол.*, *биол.* **1**. Зинда ба зинда гӯр шудан организмҳо ҳангоми ташаккул ёфтани ҷинсҳои кӯҳӣ; ‖ Мқс. литомуратсия. **2**. Як организмро зинда ба зинда гӯр кардани организми дигар. ‖ Мқс. биомуратсия.

**ИМПАКСИ́Я,** [лот. impactio]. *тиб.* Дармондан, андармон шудан; шикастани устухон ва ба якдигар андармон шудани шикастапораҳо.

**ИМПАКТИ́Т,** [< лот. impactum]. *геол.* Ҷинси кӯҳие, ки дар натиҷаи ба замин бархӯрдан ва таркидани шиҳобпора (*метеорит*) дубора гудохта шудааст.

**ИМПА́ЛА,** [< афр]. *зоол.* Ҳайвони ширхӯр аз оилаи ковокшоххо, ки дар Африқои Ҷанубӣ-Шарқӣ ва Ҷанубӣ зиндагӣ мекунад; дарозии баданаш то 1,8 м.

**ИМПЕДА́НС,** [< лот. impedire монеъ шудан]. **1**. *физ.* Муқовимати маҷмуие, ки ҳангоми лаппиши сигналҳои овозӣ ба вуҷуд меояд. **2**. *физ.*, *кӯҳна.* Муқовимати

пурраи занҷири электр ба ҷараёни тағйирёбанда. **3**. *физиол.* Муқовимати бофтаи зинда ба ҷараёни тағйирёбанда.

**ИМПЕДИ́Н,** [лот. impedinum]. *тиб.* Омиле, ки қувваи зиддимикробии баданро заиф мегардонад.

**ИМПЕРАТИ́В,** [< лот. imperativus амрӣ]. **1**. *збш.* Сиғаи амрии феъл; феъли амрӣ. **2**. Қонун; талаби қатъӣ.

**ИМПЕРАТИВӢ,** [< лот. imperativus амрӣ]. *ҳуқ.* Ҳатмӣ, раднопазир.

**ИМПЕРА́ТОР,** [лот. imperator ҳукмрон, лашкаркаш]. **1**. Сипаҳсолор; унвони фахрии сарлашкар дар Ҷумҳурии Рим; аз замони Август сар карда, унвони сардори давлати Рим гардид. **2**. Баъдтар унвони бисёр *монархҳо* дар давлатҳои сермиллат.

**ИМПЕРИА́Л[1],** [< лот. imperialis императорӣ]. Тангаи тиллоии даҳсӯмаи Россияи подшоҳӣ.

**ИМПЕРИА́Л[2],** [фр. imperiale]. Ошёнаи дуюми курсидор дар *омнибус, дилижанс*.

**ИМПЕРИАЛИ́ЗМ,** [< лот. imperium ҳокимият]. **1**. Сиёсати давлат, ки ба васеъ намудани қаламрави худ, мустамликадорӣ, назорати сиёсию иқтисодӣ ба мамлакатҳои дигар равона гардидааст. **2**. Дар *марксизм* – дараҷаи олӣ ва охирини *капитализм*, ки баъди ба вуҷуд омадани ҳукмронии монополияҳои капиталистӣ ва ба охир расидани тақсимоти ҳудудии ҷаҳон дар байни мамлакатҳои асосии капиталистӣ фаро мерасад.

**ИМПЕРИАЛИ́СТ,** [< *империя*]. Тарафдори сиёсати *империализм*; капиталисти калон ё ходими сиёсии буржуазӣ, ки сиёсати империализмро амалӣ менамояд.

**ИМПЕ́РИЯ,** [< лот. imperium ҳокимият]. **1**. Давлати сермиллати *монархӣ*, ки ба он *император* роҳбарӣ мекунад. **2**. Давлате, ки соҳиби мулкҳои мустамликавӣ мебошад, мас., И.-и Британия. **3**. *маҷ.* Шабакаи мағозаҳо, тарабхонаҳо, меҳмонхонаҳо, корхонаҳо, ВАО ва ғ., ки аз як марказ идора карда мешавад.

**ИМПЕРСОНАЛӢ,** [< лот. impersonalis]. *збш.* Бешахс; ҷ у м л а и И . – ҷумлаи бешахс (бемубтадо).

**ИМПЕРФЕ́КТ,** [< лот. imperfectus нотамом]. *збш.* Шакли замони гузаштаи дури феъл. || Мқс. перфект.

**ИМПЕРФОРА́ТСИЯ (ИМПЕРФОРА́ЦИЯ),** [лот. imperforatio]. *тиб.* Инсидод; баста шудани (будани) сӯрохи табиӣ.

**ИМПЕТИ́ГО,** [< лот. impetere ҳамла кардан]. *тиб.* Рихинак; бемории сироятии фасодноки пӯст, ки бо таъсири *стрептококкҳо* ва *стафилококкҳо* пайдо мешавад.

**ИМПИ́ЧМЕНТ,** [англ. impeachment < to impeach айбдор кардан]. *сиёс.* Тартиби махсуси ба ҷавобгарӣ кашидан ва дар суд баррасӣ намудани парвандаи ҷиноятии шахсони олимансаб; дар мавриди И. масъалаи ба ҷавобгарӣ кашидан ва ба суд

доданро одатан *палатаи* поёнӣ пешниҳод менамояд, парвандаро бошад, палатаи болоӣ баррасӣ мекунад.

**ИМПЛАНТА́Т**, [< *имплантатсия*]. *тиб.* Бофтае, ки аз ягон узв гирифта, ба узви дигар мешинонанд. || Мқс. трансплантат.

**ИМПЛАНТА́ТСИЯ (ИМПЛАНТА́ЦИЯ),** [< лот. im дар + plantario шинондан]. *тиб.* **1**. Ба луобпардаи бачадон даромада қарор гирифтани тухми бордоршуда. **2**. Ба ҷои нав кӯчонда, пайванд кардани ҳуҷайраҳо, бофтаҳо ё узвҳо. || Мқс. трансплантатсия.

**ИМПЛЕМЕНТА́ТСИЯ (ИМПЛЕМЕНТА́ЦИЯ),** [< лот. impleo иҷро кардан]. **1**. Меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалиро иҷро намудани давлат. **2**. Умуман иҷро кардани қонун, қарор, фармон ва ғ.

**ИМПЛИКА́ТСИЯ (ИМПЛИКА́ЦИЯ)**, [< лот. implicatio]. Амали мантиқие, ки ҳангоми он ба воситаи пайвандаки мантиқӣ (пайвандаки «агар…, пас…») аз ду баён як баёни мураккаб ҳосил мешавад.

**ИМПЛОЗИВӢ,** [< лот. implosivus]. *збш.* Зич; ҳ а м с а д о и  И . – ҳамсадои зич.

**И́МПОРТ**, [англ. import < лот. importare ворид кардан]. Воридот; аз хориҷа ба мамлакат овардани мол ё сармоя; баръакси *экспорт.*

**ИМПОРТЁ́Р,** [< *импорт*]. Воридкунанда; шахс ё ташкилоте, ки аз хориҷа мол ё сармоя меорад; баръакси *экспортёр.*

**ИМПО́СТ**, [< лот. impositus гузоштташуда]. *меъм.* Қисми охири (нӯги) сутун ё девор, ки равоқ (*арка*) ба он такя мекунад. || Мқс. капител.

**ИМПОТЕ́НТ,** [< лот. impotens суст, беқувват]. Сусткамар, ҳез; касе, ки алоқаи ҷинсӣ (ҷимоъ) карда наметавонад.

**ИМПОТЕ́НСИЯ (ИМПОТЕ́НЦИЯ),** [< лот. impotentia сустӣ, беқувватӣ]. **1**. *тиб.* Сусткамарӣ, ҳезӣ; ба алоқаи ҷинсӣ (ҷимоъ) қобил набудани мард. **2**. *маҷ.* Нотавонӣ, оҷизӣ.

**ИМПРЕГНА́Т,** [< лот. impraegnare пур кардан]. Матоъ, чӯб, картон ё масолеҳи диг., ки барои аз худ нагузарондани намӣ, гармӣ ва моддаҳои заҳрнок ба ягон маҳлул тар карда шудааст.

**ИМПЕРИСА́РИО,** [ит. impresario]. Шахсе, ки консерту намоишҳо ташкил мекунад ё *агенти* ягон артист, ки аз номи ӯ шартнома мебандад. || Мқс. менеҷер, продюсер.

**ИМПРЕССИОНИ́ЗМ,** [фр. impressionnisme]. Равияе дар санъати охири асри 19 ва ибтидои асри 20; пайравони И. роҳи аз маҳдудияти шартии класситсизм, романтизм ва академизм озод шуданро пеш гирифта, барои инкишофи санъати реалистӣ, тасвири зиндаю ҳаққонӣ ва бевоситаи ҳаёти воқеӣ, содагӣ ва таъсирнокии асар мекӯшиданд.

**ИМПРЕ́ССИЯ,** [лот. impressio]. Таассурот.

**ИМПРОВИЗА́ТОР,** [ит. improvvisatore]. Бадеҳагӯй; бадеҳанавоз; шахсе, ки бе тайёрии пешакӣ метавонад шеър, оҳанг, қисса эҷод кунад ё умуман ягон маҳорати худро нишон диҳад.

**ИМПРОВИЗА́ТСИЯ (ИМПРОВИЗА́ЦИЯ),** [ит. improvvisazione]. Бадоҳат; бадеҳагӯӣ; бадоҳатан, яъне бе тайёрии пешакӣ эҷод намудани шеър, оҳанг, эрод кардани нутқ, ҳунарнамоӣ дар саҳна ва ғ. || Мқс. экспромт.

**И́МПУЛС (И́МПУЛЬС),** [лот. impulsus]. **1**. Такон, ҷунбиш, ангезиш. **2**. Ба амале водор кардан; ба коре таҳрик намудан; ба чизе ё амале хоҳиш пайдо кунондан. **3**. И.-и асаб – мавҷи ҳаяҷон, ки бо торҳои асаб паҳн мешавад; сигналҳоро аз анҷомаҳои ҳассоси канории асаб (*ретсепторҳо*) ба системаи марказии асаб ва аз он ба узвҳои иҷрокунанда (мушакҳо ва ғадудҳо) мебарад. **4**. И.-и қувва – андозаи амали қувва дар фосилаи муайяни вақт. **5**. И.-и электрӣ – тағйирёбии кӯтоҳмуддати шиддат ё ҷараён.

**ИНАУГУРА́ТСИЯ (ИНАУГУРА́ЦИЯ),** [< лот. inauguratio оғоз]. Расми ботантана ба мансаб нишастан ва ба иҷрои вазифаи худ оғоз кардани президенти мамлакат, роҳбари давлат, Папаи Рим.

**ИНБРИ́ДИНГ,** [< англ. in дар, дар дохили + breeding парвариш]. *биол*. Ҷуфтикунонии ҳайвоноту растаниҳои бо якдигар хеш дар доираи як *популятсия*. || Мқс. аутбридинг, кроссбридинг.

**ИНВАГИНА́ТСИЯ (ИНВАГИНА́ЦИЯ),** [< лот. in дар, дар дохили + vagina маҳбал]. *тиб*. Яке аз намудҳои қабзияти рӯда; даромадани як қисми рӯда ба қисми дигари он.

**ИНВА́ЗИЯ,** [< лот. invasio ҳуҷум]. *тиб*. Аз ангалҳои (муфтхӯрони) ҳайвонот, мас., кирм, ҳашарот ва ғ. сироят ёфтани одам.

**ИНВАЗИОНӢ,** [< лот. invasio ҳуҷум]. *тиб*. Бемориҳои И. – бемориҳое, ки бо таъсири ангалҳои (муфтхӯрони) ҳайвонот: кирм, ҳашарот ва ғ. пайдо мешаванд.

**ИНВАЛИ́Д,** [< лот. invalidus нотавон]. Маъюб; шахсе, ки дар натиҷаи беморӣ, пирӣ, ҷароҳат ё ягон нуқсони ҷисмонии модарзод қобилияти меҳнатии худро пурра ё қисман гум кардааст.

**ИНВА́Р,** [< лот. invariabilis тағйирнаёбанда]. Хӯлае, ки 65%-и онро оҳан ва 35%-и онро никел ташкил медиҳад; ҳаҷмаш дар ҳарорати баланд тағйир намеёбад; барои тайёр кардани асбобу таҷҳизоти андозагирӣ истифода мешавад.

**ИНВАРИА́НТ,** [< фр. invariant тағйирнаёбанда]. **1**. *мат*. Ифода ё бузургии математикие, ки ҳангоми ин ё он табаддулот, мас., ҳангоми гузаштан аз як системаи координатаҳо ба системаи дигар тағйир намеёбад. **2**. *збш*. Воҳиди таркибии забон – фонема, морфема, лексема ва ғ. новобаста аз шаклҳои истифодаи мушаххаси он.

**ИНВЕКТИ́ВА,** [< лот. invectivus пуршӯр]. Нутқи тезу тунд, пурғазабона ва таҳқиркунанда.

**ИНВЕНТАРИЗА́ТСИЯ (ИНВЕНТАРИЗА́ЦИЯ),** [< лот. inventarium номгӯй]. **1**. Тартиб додани рӯихати молу мулки ягон шахс, муассиса, ташкилот. **2**. Сари чанд вақт тафтиш кардани миқдор ва ҳолати сарватҳои моддӣ ва маблағҳое, ки дар тавозуни корхона мебошанд.

**ИНВЕ́РСИЯ,** [< лот. inversio ҷойивазкунӣ]. **1**. *збш.* Тағйир додани тартиби муқаррарии калимаҳо дар ҷумла бо мақсади ифоданоктар кардани нутқ ё, умуман, суханпардозӣ. **2**. *хим.* И.-и қ а н д – ба воситаи *кислотаҳо* ва *ферментҳо* ба шаклҳои сода ҷудо кардани қандҳои мураккаб (асосан қанди найшакар) барои пешгирии шакарак бастани маҳсулоти хӯрокворӣ, инчунин гирифтани асали сунъӣ. **3**. *биол.* Яке аз намудҳои *мутатсия* – канда шудан ва ба 180° тоб хӯрдани яке аз қисмҳои дохилии *хромосома*. **5**. *геом.* Шакли махсуси инъикос намудани сатҳ ё фазо ба воситаи *радиусҳои* мутақобил. **6**. Ба ҷои кам шудан зиёд шудани ҳарорати ҳавои атмосфера ба қадри баландтар баромадан аз сатҳи замин. **7**. И.-и м а й д о н и г е о м а г н и т ӣ – ба таври баракс тағйир ёфтани самти (қутбнокии) майдони магнитии Замин (Қутби Шимолӣ Қутби Ҷанубӣ мегардад ва баракс); дар фосилаи аз 0,5 то 50 млн сол рӯй медиҳад.

**ИНВЕ́РСОР,** [< лот. inversio ҷойивазкунӣ]. *тех.* Механизме, ки ҳаракати доиравиро ба ҳаракати ростхатта табдил медиҳад; дар воситаҳои нақлиёт истифода мешавад. || Мқс. реверсор.

**ИНВЕРТА́ЗА,** [< лот. invertere табдил додан]. *хим.* Ферменти шираи рӯда; *сахараза* низ гӯянд.

**ИНВЕРТИ́Н,** [< лот. invertere табдил додан]. *хим.* Ниг. *инвертаза*, *сахараза.*

**ИНВЕ́РТОР,** [< лот. invertere табдил додан]. **1**. *физ., тех.* Асбоб барои табдил додани ҷараёни доимӣ ба ҷараёни тағйирёбанда. **2**. *инф.* Олати электронии компютер барои табдил додани сигнали як аломат ба сигнали аломати дигар; амали мантиқии «инкор» («не»)-ро иҷро мекунад.

**ИНВЕСТИТУ́РА,** [< лот. investire ҷомапӯшонӣ]. **1**. *таър.* Дар Аврупои Ғарбии давраи феодализм – расми тантанавии ба *вассал* додани *феод* (мулк). **2**. Дар мазҳаби *протестантӣ* – расми тантанавии ба мансаб шинондани рӯҳонии нав.

**ИНВЕСТИ́ТСИЯ (ИНВЕСТИ́ЦИЯ),** [< лот. investire ҷомапӯшонӣ]. Сармоягузорӣ; маблағгузории дарозмуҳлат барои ягон соҳа, кор, фаъолият. || Мқс. дотатсия, кредит, субвенсия, субсидия.

**ИНВЕ́СТМЕНТ-БА́НКИНГ**, [< *инвеститсия* + *банк (бонк)*]. *тиҷ., мол.* Лоиҳаҳои сармоягузориро дастгирӣ кардани бонкҳо.

**ИНВЕ́СТОР,** [< лот. investire ҷомапӯшонӣ]. Сармоягузор; шахс ё ташкилоте, ки барои ягон соҳа, кор, фаъолият маблағ ҷудо мекунад.

**ИНВОЛЮ́ТСИЯ (ИНВОЛЮ́ЦИЯ),** [< лот. involutio каҷӣ, печутобхӯрӣ]. **1**. *биол.* Инкишофи дубора; ба ҳаҷми муътадили пештара баргаштани ягон узви бо сабабе калоншуда, мас., бачадон баъди таваллуд кардан. **2**. *мкб.* Аз насл ба насл бад шудани аломатҳои биологии микробҳо ё тағйир ёфтани шакли онҳо бо таъсири шароити номусоид. **3**. *тиб., физиол.* Мурдан ё хурд шуда аз кор баромадани ягон узви бадан ё ҳуҷайра дар натиҷаи беморӣ ё пиршавӣ. || Мқс. атрофия.

**ИНГАЛЯ́ТОР,** [< *ингалятсия*]. **1**. Асбоб барои муолиҷа бо усули *ингалятсия*. **2**. Асбоб барои ҳаводиҳӣ ба одами зарардида ҳангоми садама, мас., дар кон (*шахта*).

**ИНГАЛЯТО́РИЯ,** [< *ингалятсия*]. Ҳуҷраи махсус ҷиҳонидашуда барои муолиҷа бо *ингалятсия*.

**ИНГАЛЯ́ТСИЯ (ИНГАЛЯ́ЦИЯ),** [< лот. inhalare нафаскашӣ]. *тиб.* Бо мақсади муолиҷа нафас кашидан аз буғу газҳои дорудор (И.-и сунъӣ) ё аз ҳавои баҳр, кӯҳ (И.-и табиӣ).

**ИНГИБИ́ТОР,** [< лот. inhibere боздоштан]. **1**. *хим.* Моддае, ки реаксияи химиявиро суст ё қатъ мекунад. **2**. *биол.* Моддаи табиӣ ё сунъие, ки фаъолияти ферментҳоро суст ё тамоман қатъ намуда, мубодилаи муътадили моддаҳоро дар организм вайрон мекунад. **3**. *кшв.* Моддае, ки сабзиши растаниҳоро суст мекунад.

**ИНГРЕДИЕ́НТ,** [< лот. ingrediens дохилшаванда]. Ҷузъи таркибии ягон омехта ё пайвасти мураккаб. || Мқс. компонент, фраксия.

**ИНГРЕ́ССИЯ,** [< лот. ingressio воридшавӣ]. *геог.* Тадриҷан (дар давоми садсолаҳо) ҷои хушкиҳоро гирифтани баҳр дар натиҷаи баландшавии сатҳи об.

**И́НДЕКС,** [лот. index]. **1**. Феҳрист, рӯихат, номгӯй. || Мқс. регистр, реестр. **2**. Аломати шартии рақамӣ ё ҳарфӣ, мас., И.-и почта. **3**. *мат.* Нишондиҳандаи рақамӣ ё ҳарфӣ, ки дар назди ҳарфҳо гузошта мешавад ва барои фарқ кунондани ифодаҳои математикӣ хизмат мекунад (мас.:$x_1$, $A_5$ ва ғ.). **4**. *иқт.* Шохис; намоя; нишондиҳандаи рақамӣ, ки тағйироти пай дар пайи ягон рӯйдод ё фаъолияти иқтисодиро (мас., сатҳи нарх, ҳаҷми истеҳсол ва ғ.-ро) ифода мекунад.

**ИНДЕКСА́ТОР,** [< *индекс*]. Шахсе, ки бо тартиб додани *индекс* (маъноҳои 1 ва 4) машғул аст.

**ИНДЕКСА́ТСИЯ (ИНДЕКСА́ЦИЯ),** [< *индекс*]. **1**. *мол.* Бозҳисобӣ; тарзи нигоҳдории бузургиҳои ҳақиқии талаботи пулӣ ва даромадҳои гуногун дар шароити таваррум; ба воситаи И. андозаи пардохтҳо мутаносибан бо тағйирёбии шохисҳои нархҳо аз лаҳзаи имзо то иҷрои уҳдадориҳо бозшуморӣ карда мешавад. **2**. *инф.* Раванди шохисгузорӣ ба ягон матн ё ба унсурҳои матн ба ёрии компютер.

**ИНДЕМНИТЕ́Т,** [< лот. indemnitas ҷуброни зарар]. **1**. *сиёс.* Дар баъзе мамлакатҳо – ба ҷавобгарӣ накашидани вакилони халқ (депутатҳо), сарфи назар аз он ки фаъолияти парламентии онҳо (мас., суханрониҳояшон) хилофи қонунгузории ҳамон мамлакат аст. **2**. *ҳуқ.* Дар ҳуқуқи байналмилалӣ – ҷуброни (товони) зарар. || Мқс. контрибутсия, репаратсия.

**ИНДЕНИЗА́ТСИЯ (ИНДЕНИЗА́ЦИЯ),** [лот. indenisatio]. *тиб*. Инкишофи ҳуҷайраҳо дар ҷои метастаз (ниг. *метастаз*).

**ИНДЕТЕРМИНИ́ЗМ,** [< лот. in не + *детерминизм*]. *фалс*. Назарияи фалсафаи идеалистӣ, ки қонунияти умумӣ ва сабабгори якдигар будани ҳодисаҳои табиат ва ҷамъиятро инкор мекунад; баракси *детерминизм.*

**ИНДИВИ́Д,** [< лот. individuum тақсимнашаванда]. **1**. *биол*. Фард; организми зиндаи алоҳида. **2**. *психол*. Одам чун шахсияти алоҳида дар байни одамони дигар; умуман организми зиндаи мустақилона вуҷуддошта; *индивидуум* низ гӯянд.

**ИНДИВИДУАЛИЗА́ТСИЯ (ИНДИВИДУАЛИЗА́ЦИЯ),** [< лот. individuum тақсимнашаванда]. Ҷудо кардани як шахсият ё фард аз рӯи хусусиятҳои фарққунандаи он.

**ИНДИВИДУАЛИ́ЗМ,** [< лот. individuum тақсимнашаванда]. Ҷаҳонбиние, ки манфиатҳои шахсияти алоҳидаро аз манфиатҳои ҷамъият боло мегузорад.

**ИНДИВИДУАЛИ́СТ,** [< лот. individuum тақсимнашаванда]. **1**. Пайрави *индивидуализм*.. **2**. Одаме, ки афкор, рафтор ва тарзи зиндагиаш аз афкор, рафтор ва тарзи зиндагии атрофиён фарқ мекунад. **3**. Худбин; шахсе, ки қасдан худро аз ҷамъият ҷудо мекунад ва манфиатҳои онро ба назар намегирад.

**ИНДИВИ́ДУУМ,** [< лот. individuum тақсимнашаванда]. Ниг. *индивид* (маънои 2).

**ИНДИГЕ́ТҲО,** [лот. indigetes]. Дар асотири римиёни қадим – худоҳо – ҳомиёни шаҳрҳо.

**ИНДИ́ГО,** [исп. indigo]. Ранги кабуди баланд, ки дар гузашта аз растаниҳо ҳосил мекарданд; ҳоло ба таври сунъӣ ҳосил мекунанд ва барои ранг кардани матои ҷинс истифода мебаранд.

**ИНДИГОЛИ́Т,** [< *индиго* + *…лит*]. Минерал, *турмалини* кабуд.

**И́НДИЙ,** [лот. Indium]. Металли нуқрафоми хеле муроим ва зудгудози гурӯҳи III системаи даврӣ (In).

**ИНДИКА́Н,** [< лот. indicus ҳиндӣ]. **1**. Моддаи дар баъзе растаниҳо вуҷуддоштае, ки аз он ранги кабуд (*индиго*) ҳосил мекунанд. **2**. Моддае, ки ҳангоми таҷзияи сафедаҳо дар рӯда ҳосил мешавад.

**ИНДИКАТИ́В,** [лот. indicativus]. *збш*. Сиғаи хабарии феъл. || Мқс. императив.

**ИНДИКА́ТОР,** [< лот. indicator нишондиҳанда]. **1**. Нишондиҳанда. **2**. *физ., тех*. Асбоб барои чен кардани ягон бузургии физикӣ. **3**. *хим*. Моддае, ки барои муайян кардани кислотанокӣ (нишондиҳандаи гидрогении pH) ё муқаррар намудани нуқтаи ниҳоии титрикунонӣ (иёргирӣ) хизмат мекунад; моддаи химиявие, ки ҳангоми ба маҳлули таҳлилшаванда ҳамроҳ кардан барои ба осонӣ муқаррар намудани фарорасии реаксияи химиявӣ имконият медиҳад.

**ИНДИКАТРИ́СА,** [< *индикатор*]. *мат.* Хати каҷе, ки барои ба таври аёнӣ тасаввур намудани тағйирёбии *векторҳо* дар сатҳ ё фазо хизмат мекунад.

**ИНДИ́Ф,** [< миср. қад.]. Дар асотири мисриёни қадим – аждаҳои азимҷусса, душмани офтоб, тимсоли зулмот.

**ИНДИФФЕРЕНТИ́ЗМ,** [< лот. indifferens бепарво]. Бепарвоӣ, беътиноӣ, фориғболӣ, берағбатӣ.

**ИНДИФФЕРЕНТӢ,** [< лот. indifferens бепарво]. Бепарво, фориғбол; м о д д а ҳ о и И . – моддаҳои инертӣ (ниг. *инертӣ* маънои 1); пайвастҳои химиявие, ки бо душворӣ ба реаксия медароянд; э л е к т р о д и И . – *электроди* нофаъол, ки дар тадқиқоти электрофизиологӣ истифода мешавад.

**ИНДОКТРИНА́ТСИЯ (ИНДОКТРИНА́ЦИЯ),** [< лот. in дар, дар дохили + doctrina таълимот, назария]. **1**. Шинос кардан бо ягон назария, таълимот, *доктрина*. **2**. Паҳн намудани таълимот, ғояҳо ё доктринаҳои сиёсӣ дар ҷамъият барои ташаккул додани афкори муайяни ҷамъиятӣ.

**ИНДО́Л,** [англ. indol]. *маъд.* Пайвасти органикии кристаллие, ки чун моддаи хушбӯй дар атторӣ истифода мешавад.

**ИНДОЛЕНИ́Н,** [< англ. indol]. *маъд.* Ниг. *индол.*

**ИНДОССАМЕ́НТ,** [< лот. in дар, дар дохили + dorsum тахтапушт]. *мол.* Навиштаҷоти (хати) таҳвилӣ дар пушти ҳуҷҷат (коғази қиматнок, *вексел, чек* ва ғ.), ки аз рӯи ҳамин ҳуҷҷат ба ихтиёри шахси дигар гузаштани ҳуқуқҳоро тасдиқ менамояд.

**ИНДОССА́НТ,** [< *индоссамент*]. *мол.* Шахсе, ки дар пушти *вексел* ё *чек* хати таҳвил менависад; *жирант* низ гӯянд.

**ИНДОССА́Т,** [< *индоссамент*]. *мол.* Шахсе, ки мувофиқи навиштаҷоти таҳвилӣ *вексел* ё *чек* ба ихтиёри ӯ мегузарад.

**И́НДРА,** [< ҳинд. қад.]. Дар дини ҳиндуия – худои раъду барқ ва тӯфон, баъдтар худои ҷанг.

**И́НДРҲО,** [< афр.]. *зоол.* Оилаи ниммаймунҳо аз гурӯҳи ширхӯрон, ки дар ҷазираи Мадагаскар зиндагӣ мекунанд; дарозии баданашон то 1 м (4 намуд).

**ИНДУКТИВИЯ́Т,** [< лот. inductio ангезиш]. *физ.* Бузургии физикие, ки хосиятҳои магнитии занҷири электриро ифода мекунад.

**ИНДУКТИВӢ,** [< лот. inductio ангезиш]. Мансуб ба *индуксия*; аз далелҳои ҷузъӣ ҳосил намудани фарзияи умумӣ; у с у л и И . – усули тадқиқот ё муҳокимаронии илмие, ки ҳангоми он аз мушоҳидаи далелҳои ҷузъӣ мантиқан қоидаю қонунҳои умумӣ ҳосил карда мешавад.

**ИНДУ́КТОР,** [< лот. inductio ангезиш]. *физ., тех.* **1**. Дастгоҳи хурди магнитӣ-электрӣ, ки ҳангоми бо даст тоб додан ҷараёни тағйирёбандаи баландшиддат

ҳосил мекунад; дар аппаратҳои телефони стансияҳои хизматрасонии дастӣ барои даъват намудани муштарӣ (абонент) истифода мешавад. **2**. Электромагните, ки дар генератори электрикӣ, динамо-мошин ва ғ. майдони магнитӣ ҳосил мекунад. **3**. Асбоби электромагнитӣ барои гарм кардани ҷисмҳои сахт, моеъ ва газшакл бо ёрии индуксия. **4**. *биол.* Қисми ҷанини организми зинда, ки дар рафти инкишофи худ ба қисмҳои дигари ҷанин таъсир расонда, самти инкишофи онҳоро муайян мекунад.

**ИНДУКТОТЕРМИ́Я,** [< *индуксия* +… *термия*]. *тиб.* Яке аз усулҳои барқдармонӣ (*электротерапия*); истифодаи майдони магнитии басомадаш баланд барои табобати баъзе бемориҳои шадид ва музмин.

**ИНДУ́КСИЯ (ИНДУ́КЦИЯ),** [< лот. inductio ангезиш]. **1**. Муҳокимаронии мантиқӣ аз ҷуъ ба кулл. **2**. *физ.* Ангезиши ҷараёни электр дар ноқил ҳангоми ба майдони магнитӣ наздик кардани он ё ҳангоми тағйир додани майдони магнитӣ дар гирди он. **3**. *физиол.* Таъсири мутақобилаи байни вазъи ҳаяҷоннокӣ ва оромӣ дар системаи асаб, ки пайдоиши яке аз ин равандҳо боиси инкишофи раванди дигар мегардад.

**ИНДУЛГЕ́НСИЯ (ИНДУЛЬГЕ́НЦИЯ),** [< лот. indulgentia меҳрубонӣ, лутф]. *таър.* Шаҳодатнома (*грамота*) дар бораи афви гуноҳҳо, ки калисои католикӣ аз номи Папаи Рим ба ивази пул ё ба ивази хизмаҳои шоиста дар назди калисо медод.

**ИНДУСТРИАЛИЗА́ТСИЯ (ИНДУСТРИАЛИЗА́ЦИЯ),** [< *индустрия*]. Саноатикунонӣ; бунёд кардани саноати калони аз ҷиҳати техникӣ пешрафта ва бо ин роҳ гузаштан аз ҷомеаи аграрӣ ба ҷомеаи саноатӣ.

**ИНДУ́СТРИЯ,** [< лот. industria фаъолият]. Саноат; соҳаи муҳимтарини хоҷагии халқ, ки ба сатҳи рушди иқтисодии ҷомеа таъсири ҳалкунанда мерасонад.

**ИНДЮ́К,** [< юн. қад.]. *зоол.* Хурӯси мурғи марҷон.

**ИНЕРТӢ,** [< лот. iners беҳаракат]. **1**. Беҳаракат, нофаъол; газҳои И. (асил) – газҳои якатомаи беранг ва бебӯй, ки ба миқдори кам дар ҳаво, баъзе минералҳо, газҳои табиӣ, об (дар шакли ҳалшуда) вуҷуд доранд, аз қабили гелий, аргон, неонкриптон, радон, ксенон. **2**. *маҷ.* Одами нофаъол, камҳаракат, беташаббус, суст.

**ИНЕ́РСИЯ (ИНЕ́РЦИЯ),** [< лот. inertia беҳаракатӣ]. **1**. Қобилияти ҳолати пештараи худро нигоҳ доштани ҷисм, хоҳ ҳолати оромӣ бошад, хоҳ ҳолати ҳаракат. **2**. маҷ. Беҳаракатӣ, бефаъолиятӣ, беташаббусӣ.

**ИНЕ́Т**, [англ. inet]. Ниг. *интернет.*

**ИНЖЕ́КТОР,** [< лот. injectare бароварда партофтан]. *тех. Насос* барои фишурдани газу буғ, инчунин ба дастгоҳу зарфҳои гуногун рондани моеъ. || Мқс. ливер, помпа.

**ИНЖЕ́КСИЯ (ИНЖЕ́КЦИЯ),** [< лот. injectare бароварда партофтан]. *тех.* **1**. Рондани сӯзишвории моеъ ба сӯзишхонаи (*камераи* сӯзиши) муҳаррик. **2**.

Фишурдани моеъ ва буғу газҳо бо ёрии насос (*инжектор*). **3**. Ворид намудани дастаи зарраҳои заряднокшуда ба суръатфизо барои боз ҳам тезондани суръати зарраҳо.

**ИНЖЕНЕ́Р,** [< лот. ingenium қобилияти табиӣ, хирад]. Муҳандис; мутахассиси дорои маълумоти техникӣ; донандаи ягон соҳаи техника.

**ИНЖЕНЮ́,** [фр. ingenue]. *Амплуаи* ҳунарпешаи театр, ки нақши духтарони содадилро бозӣ мекунад.

**ИНЖИНИ́РИНГ,** [англ. engineering < лот. to engineer лоиҳа кашидан, лоиҳа сохтан]. Расондани хизматҳои пулакии муҳандисию машваратӣ оид ба лоиҳакашӣ ва сохтани объектҳои гуногун.

**ИНИТСИАЛҲО (ИНИЦИАЛҲО),** [< лот. initialis аввал]. **1**. Ҳарфҳои аввали ном, номи падар ва насаб. **2**. Ҳарфҳои калон ва мунаққаши аввали китоб, бобҳо, фаслҳо ва ғ.

**И́НИЯ**, [< ҳиндуӣ]. *зоол. Делфини* амазонкагӣ; ҳайвони обии ширхӯр аз оилаи делфинҳои дарёӣ; дарозиаш то 2,5 м.

**ИНКА́МИНГ,** [англ. incoming]. Дар соҳаи сайёҳӣ (*туризм*) – хизматрасонӣ ба сайёҳон.

**ИНКАПСУЛЯ́ТСИЯ (ИНКАПСУЛЯ́ЦИЯ),** [< лот. in дар, дар дохили + *капсула*]. *биол*. Пайдошавии пардаи бофтагӣ (*капсула*) дар атрофи ҷисмҳои барои организм бегона, ангалҳо (муфтхӯрон) ва ғ.

**ИНКАРНА́ТСИЯ (ИНКАРНА́ЦИЯ),** [< лот. incarnatio таҷассум ёфтан]. Таҷассуми рӯҳ дар ҷисми моддӣ (мас., рӯҳи Худо дар ҷисми Исо). || Мқс. реинкарнатсия.

**ИНКАССА́ТОР,** [< ит. incassare ба сандуқ гузоштан]. Шахси соҳибвазифа, ки аз корхонаҳои савдо, ташкилотҳо ва ғ. пулро қабул карда, ба бонк месупорад.

**ИН-КВА́РТО,** [< лот. in quarto чоряк]. Андозаи (*формати*) китоб, маҷалла ва ғ., ки ба чоряки вараќи коғази чопӣ баробар аст (андозаи А-3).

**ИНКВИЗИ́ТОР,** [< *инквизитсия*]. **1**. *таър*. Узви суди *инквизитсия*. **2**. *маҷ*. Одами бераҳм, золим.

**ИНКВИЗИ́ТСИЯ (ИНКВИЗИ́ЦИЯ),** [< лот. inquisitio ҷустуҷӯ, тафтишот]. **1**. *таър*. Ташкилоти судию ҷазодиҳие, ки дар аввали асри 13 калисои католикӣ барои мубориза бурдан ба муқобили яҳудиён, даҳриён ва аҳли бидъат ташкил карда буд; ин ташкилот ба мақомоту муассисаҳои ҳокимияти дунявӣ итоат намекард; дар асри 19 барҳам дода шуд. **2**. *маҷ*. Бераҳмӣ, зулм.

**ИНКЛИНА́ТОР,** [< лот. inclinare моил кардан]. *тех*. Асбоб барои чен кардани тамоюли магнитӣ.

**ИНКЛЮЗИВӢ,** [< фр. inclusif]. Фарогир; т а ъ л и м и И . – шакли таълиме, ки на фақат кӯдакони солим, балки кӯдакони маъюбро низ фаро мегирад; дар қатори

кӯдакони солим дар як мактаб (кӯдакистон, синф, гурӯҳ) таҳсил кардани кӯдакони имконияттҳои рӯҳӣ ё ҷисмониашон маҳдуд.

**ИНКО́ГНИТО,** [< лот. incognitus ношинос, номаълум]. **1**. Махфӣ, пинҳонӣ. **2**. Шахсе, ки номи аслии худро пинҳон дошта, номи шахси дигарро ба худ гирифтааст, то ки шахсияти ӯ номаълум монад.

**ИНКОРПОРА́ТСИЯ (ИНКОРПОРА́ЦИЯ),** [< лот. incorporatio дохил кардан]. **1**. Ба ҳайати худ дохил кардан, ҳамроҳ намудан. **2**. *ҳуқ*. Аз рӯи тартиби муайян, мас., аз рӯи алифбо, мавзуъ ё санаи қабул дар як маҷмуа ҷойгир кардани қонунҳои давлат (бе тағйир додани мазмуни онҳо). **3**. *физ*. Ба организмҳои зинда ворид шудани моддаҳои радиоактивӣ. **4**. *збш*. Усули калимасозӣ ба воситаи якҷоя кардани ду ё якчанд морфемаи мустақилмаъно. **5**. Ба гурӯҳи шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ додани мақоми шахси ҳуқуқӣ, яъне ташкил намудани ширкат ё ташкилоти ҷамъиятӣ.

**ИНКРЕ́Т,** [< *инкретсия*]. *физиол*. Ниг. *гормон*.

**ИНКРЕ́ТСИЯ (ИНКРЕ́ЦИЯ),** [< лот. in дар, дар дохили + (se)cretus ҷудошуда]. *физиол*. Тарашшуҳи дохилӣ.

**ИНКРУСТА́ТСИЯ (ИНКРУСТА́ЦИЯ),** [< лот. in дар, дар дохили + crust чизи сахт]. Хотамкорӣ.

**ИНКУБА́ТОР,** [< лот. incubare ҷӯҷахобонӣ]. Таҷҳизоти ҷӯҷабарории сунъӣ; таҷҳизот барои аз тухм баровардани ҷӯҷа бе иштироки мокиёни курк.

**ИНКУБАТО́РИЯ,** [< лот. incubare ҷӯҷахобонӣ]. **1**. Бинои махсус, ки дар он инкубаторҳо гузошта шудаанд. **2**. Дар соҳаи пиллапарварӣ – бинои махсус ҷиҳозонидашуда барои парвариши кирмак.

**ИНКУБАТСИОНӢ (ИНКУБАЦИОНӢ),** [< лот. incubo мехобам]. *биол*. Д а в р а и И . **1**. Давраи инкишофи ҷанин дар тухм. **2**. Давраи ниҳонӣ аз лаҳзаи ба организм даромадани микроорганизмҳои бемориовар то пайдошавии аввалин нишонаҳои бемории сироятӣ.

**ИНКУБА́ТСИЯ (ИНКУБА́ЦИЯ),** [< лот. incubare ҷӯҷахобонӣ]. **1**. Дар инкубаторияҳо бо роҳи сунъӣ баровардани ҷӯҷа аз тухм. **2**. Дар соҳаи пиллапарварӣ – баровардани тухми кирмак дар *инкубатория*. **3**. Дар соҳаи моҳипарварӣ – дар ҳавзҳо нигоҳ доштани тухми бодоршудаи моҳӣ то баромадани моҳичаҳо. **4**. *тиб*. Ба организм даромадан ва афзоишу инкишоф ёфтани микроорганизмҳои бемориовар бе ягон хел нишонаи беморӣ. **5**. Расми юнониён ва римиёни қадим, ки беморро дар ибодатхона дар болои пӯсти ҳайвони қурбонишуда хобонда, интизори сиҳатёбии ӯ мешуданд.

**ИНЛА́ЙН**, [англ. inline]. *варз*. Ниг. *инлайн-хоккей*.

**ИНЛА́ЙН-ХОККЕЙ**, [англ. inline hockey]. *варз*. *Хоккей* бо *конкиҳои* чархакдор.

**ИННЕРВА́ТСИЯ (ИННЕРВА́ЦИЯ),** [< лот. in дар, дар дохили + nervus асаб]. *физиол*. Робитаи узвҳо ва бофтаҳо бо системаи марказии асаб бо ёрии торҳои асаб.

**ИННОВА́ТСИЯ (ИННОВА́ЦИЯ),** [< лот. innovatio нав кардан]. Навоварӣ.

**ИНОЗИ́Т,** [< юн. is (inos) мушак]. *хим*. Моддаи органикӣ, яке аз витаминҳои гурӯҳи B, ки қариб дар ҳамаи бофтаҳои зинда ва дар бисёр растаниҳо вуҷуд дорад; аз ҷиҳати таркиби химиявӣ ба *монсахаридҳо* наздик аст.

**ИН-ОКТА́ВО,** [лот. in octavo]. Андозаи (*формати*) китоб ё маҷалла, ки ба 1/8 вараqи коғази чопӣ баробар аст (андозаи A-4). || Мқс. ин-кварто.

**ИНОКУЛЯ́ТСИЯ (ИНОКУЛЯ́ЦИЯ),** [< лот. inoculatio пайванд кардан]. *биол*. **1**. Ба луобпардаи бачадон ворид шудани тухми бордоршуда. **2**. Эмкунӣ; моягузаронӣ; ба бофтаи растаниҳо, ҳайвонот ё одам бо роҳи тазриқ гузарондани микроорганизмҳои зинда, маводи сироятёфта, зардоб ё моддаҳои диг. бо мақсади зиёд намудани масуният ва пешгирии бемориҳо.

**ИН-ПЛА́НО,** [лот. in plano]. Андозаи (*формати*) маҳсулоти чопӣ, ки ба як вараqи коғази чопӣ баробар аст. || Мқс. ин-кварто, ин-октаво.

**ИНСА́ЙД,** [англ. inside]. Нимҳуҷумкунанда; бозигари дастаи футбол ё хоккей, ки дар хати ҳуҷум дар байни бозигарони канорӣ ва марказӣ бозӣ мекунад.

**ИНСА́ЙДЕР,** [англ. insider]. Шахсе, ки аз рӯи мақоми хизматии худ ба иттилооти махфӣ дастрасӣ дорад.

**ИНСА́ЙТ**, [англ. insight]. *психол*. Дар назарияи маърифат – ваҳй; нохост фаҳмидан, дарк намудан, ба моҳияти чизе, ҳодисае сарфаҳм рафтан.

**ИНСЕКТА́РИЙ,** [< лот. insectum ҳашарот]. Биное, ки дар он бо мақсади тадқиқоти илмӣ ҳашаротҳо нигоҳ дошта, парвариш карда мешаванд.

**ИНСЕКТИТСИ́Д (ИНСЕКТИЦИ́Д),** [< лот. insectum ҳашарот]. Моддаи заҳрноки химиявӣ барои нест кардани ҳашароти зараррасон.

**ИНСИ́ГНИЯ,** [лот. insignia]. *таър*. Дар Рими Қадим – нишонҳои ҳокимияти олӣ – кавкаба, тоҷи тиллоӣ, тахти аз устухони фил сохташуда.

**ИНСОЛЯ́ТСИЯ (ИНСОЛЯ́ЦИЯ),** [< лот. insolare дар офтоб гузоштан]. **1**. *физ*. Шуоъафкании Офтоб ба сатҳи Замин. **2**. *тиб*. Офтоб задан; офтобзанӣ.

**ИНСО́РСИНГ**, [англ. insourcing < in берун, берунӣ + source манбаъ]. Бахшу шуъбаҳои махсуси дохилӣ ва корхонаҳои фаръии худро истифода бурдани ширкат бо мақсади иҷрои вазифаҳои истеҳсолӣ.

**ИНСПЕ́КТОР,** [< лот. inspectere аз назар гузарондан, назорат кардан]. Нозир; шахси соҳибвазифае, ки ба дурустии фаъолияти муассисаю ташкилотҳои тобеъ ва аз ҷониби онҳо иҷро карда шудани қонуну қоидаҳо, дастуру қарорҳои мақомоти болоӣ назорат мекунад.

**ИНСПЕ́КСИЯ (ИНСПЕ́КЦИЯ),** [< лот. inspectere аз назар гузарондан, назорат кардан]. **1**. Назорат ба дурустии фаъолияти ягон соҳа, ташкилот, муассиса,

корхона ва ғ. **2**. Муассисае, ки чунин назоратро амалӣ менамояд; бозрасӣ, мас., бозрасии давлатии автомобилӣ (БДА); нозирот,мас., нозироти андоз.

**ИНСПИРА́ТОР,** [лот. inspirator]. Талқинкунанда; илҳомбахш; илқокунанда; иғвогар.

**ИНСПИРА́ТСИЯ (ИНСПИРА́ЦИЯ),** [лот. inspiratio талқин кардан]. **1**. Ба касе чизеро талқин кардан; киш-киш андохтан; иғво ангехтан. **2**. Нафаскашӣ; баракси *экспиратсия*.

**ИНСТАГРА́М,** [англ. instagram]. *инф*. Шабакаи иҷтимоии суратҳо; барномаи махсуси интернетӣ барои ҷой додани сурату наворҳои видеоии худ ва бо дигарон мубодила кардани онҳо.

**ИНСТАЛЛЯ́ТСИЯ (ИНСТАЛЛЯ́ЦИЯ),** [англ. installation]. **1**. *инф*. Ба компютер партофтани ягон барнома; насби ин ё он барнома дар компютер. **2**. *санъ*. Асари санъати тасвирӣ, ки аз ашёи гуногуни воқеӣ (мас., ҷевон, зарфиёт, асбобу анҷоми рӯзгор, либос ва ғ) офарида шудааст.

**ИНСТА́НСИЯ (ИНСТА́НЦИЯ),** [лот. instantia]. Зинаи маъмурӣ дар системаи мақомоти ба якдигар итоаткунанда.

**ИНСТИЛЛЯ́ТСИЯ (ИНСТИЛЛЯ́ЦИЯ),** [< лот. instillatio қатра-қатра рехтан]. *тиб*. Доручаконӣ; доругузаронии қатрагӣ.

**ИНСТИ́НКТ,** [< лот. instinctus майл]. **1**. Ғариза; табиат; сиришт; хислати модарзод. **2**. Ҳиссиёти ботинӣ; ба ягон чиз бешуурона, беихтиёр майл кардан.

**ИНСТИНКТИВӢ,** [< лот. instinctus майл]. Мансуб ба *инстинкт*; ғаризӣ, бе ихтиёр.

**ИНСТИТУ́Т,** [фр. institut < лот. institutum]. **1**. Донишкада; муассисаи таълимие, ки маълумоти олӣ медиҳад. **2**. Пажӯҳишгоҳ; муассисаи илмию тадқиқотӣ. **3**. Ниҳод; маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқ дар ягон соҳаи муносибатҳои ҷамъиятӣ. **4**. Муассисаи такмили ихтисос. **5**. *таър*. Дар Россияи подшоҳӣ – мактаби миёнаи махсус барои фарзандони *дворянҳо*.

**ИНСТИТУТСИОНАЛИЗА́ТСИЯ (ИНСТИТУЦИОНАЛИЗА́ЦИЯ),** [фр. institut < лот. institutum]. **1**. Таъсиси ниҳодҳои (*институтҳои*) нави ҷамъиятӣ. **2**. Ниҳодикунонӣ; муқаррарсозии ҳуқуқии ин ё он гуна муносибатҳои ҷамъиятӣ.

**ИНСТИТУТСИОНАЛИ́ЗМ (ИНСТИТУЦИОНАЛИ́ЗМ),** [фр. institut < лот. institutum]. Ҷараёни давлатшиносии асри 20, ки сохти сиёсии ҷамъиятро чун маҷмуи иттиҳодияҳои шаҳрвандон (оила, ҳизб, иттифоқи касаба, калисо ва ғ.) баррасӣ мекунад.

**ИНСТИТУТСИОНАЛӢ (ИНСТИТУЦИОНАЛӢ),** [фр. institut < лот. institutum]. Ниҳодӣ; мансуб ба ниҳодҳои ҷамъиятӣ.

**ИНСТИТУ́ТСИЯ (ИНСТИТУ́ЦИЯ),** [фр. institut < лот. institutum]. **1**. *таър*. Китобҳои дарсии ҳуқуқи гражданӣ дар Рими Қадим. **2**. Ин ё он иттиҳодияи шаҳрвандон (оила, ҳизб, иттифоқи касаба, калисо ва ғ.).

**ИНСТРУ́КТОР,** [лот. instructor]. Дастурдиҳанда; усто; мутахассисе, ки дуруст ташкил кардани ягон кор, фаъолиятро меомӯзонад.

**ИНСТРУ́КСИЯ (ИНСТРУ́КЦИЯ),** [< лот. instructio ёд додан]. Дастур, дастуруламал; маҷмуи қоидаҳо оид ба тартиби иҷрои ягон кор, амал, фаъолият.

**ИНСТРУМЕНТАЛИ́ЗМ,** [< лот. instructum олат, асбоб]. *фалс*. Яке аз шаклҳои *прагматизм*; таълимоти субъективӣ-идеалистии файласуфи амрикоӣ Ҷ. Дюи, ки идея ва мафҳумҳоро на инъикоси объективии воқеият, балки яке аз воситаҳои ба тартиб даровардани таҷрибаи субъективӣ мешуморад.

**ИНСТРУМЕНТАЛИ́СТ,** [< лот. instructum олат, асбоб]. Навозандаи ин ё он асбоби мусиқӣ.

**ИНСТРУМЕНТАЛӢ,** [< лот. instructum олат, асбоб]. **1**. *санъ*. М у с и қ и и  И . – мусиқии созӣ; мусиқие, ки бо асбобҳои мусиқӣ иҷро карда мешавад (баракси овозӣ (*вокалӣ*). **2**. П ӯ л о д и  И . – пӯлоди серкарбон, ки ниҳоят сахту бадошт мешавад.

**ИНСУ́БРҲО,** [лот. insubres]. *таър*. Қабилаҳои келтие, ки дар асри 6 то милод дар Италияи Шимолӣ мезистанд; пойтахташон Медиолан (Милани имрӯза).

**И́НСУЛА,** [лот. insula]. Дар Рими қадим – бинои хиштии истиқоматии 3-6-ошёна, ки ҳуҷраҳояш ба иҷора дода мешуд.

**ИНСУЛИ́Н,** [лот. insulinum]. *биол., тиб. Гормони* ғадуди зери меъда, ки миқдори қандро дар хун танзим менамояд (кам мекунад); нарасидани И. ба беморин *диабети* қанд бурда мерасонад.

**ИНСУЛИНОТЕРАПИ́Я,** [< *инсулин* + *терапия*]. *тиб*. Инсулиндармонӣ; табобати диабети қанд ва баъзе бемориҳои рӯҳӣ бо *инсулине,* ки аз ғадуди зери меъдаи ҳайвонот гирифта шудааст.

**ИНСУ́ЛЬТ (ИНСУ́ЛТ),** [< лот. insulare ҷаҳидан]. *тиб*. Сактаи мағзи сар; ба майна задани хун; ихтилоли шадиди гардиши хун дар мағзи сар, ки бо дарди сар, қай, беҳушшавӣ ва фалаҷшавӣ зоҳир мегардад. || Мқс. апоплексия.

**ИНСУРГЕ́НТ,** [< лот. insurgens шӯришгар]. Исёнгар, шӯришгар.

**ИНСУРРЕ́КСИЯ (ИНСУРРЕ́КЦИЯ),** [< лот. insurrectus]. *кӯҳна*. Шӯриши мусаллаҳона.

**ИНСЕНИРО́ВКА (ИНСЦЕНИРО́ВКА),** [< лот. in дар + scena саҳна]. Асари бадеии барои театр ё кино мувофиқ кунондашуда (дар шакли *пйеса*); ба саҳна гузоштани асари адабӣ.

**ИНТА́ЛИЯ,** [< ит. intagio кандакорӣ]. Як навъ санги қиматбаҳо, ки дар рӯяш раҳҳои чуқури суратшакл дорад.

**ИНТА́РСИЯ,** [ит. intarsio]. Яке аз намудҳои *инкрустатсия* – хотамкорӣ дар рӯи мебел ва дигар ашёи чӯбин бо часпондани тахтачаҳое, ки аз дарахтони ҷинсашон ва рангашон дигар тарошида шудаанд.

**ИНТЕГРА́Л,** [< лот. integer том]. *мат.* Бузургие, ки ба ҳосили ҷамъи қисмҳои беохир хурди худ баробар аст. || Мқс. дифференсиал.

**ИНТЕГРАЛӢ,** [< лот. integer том]. **1**. *Кооператсияи* И. – системаи кооперативии омехтае, ки тамоми намудҳои фаъолияти кооперативиро (мас., кооператсияи матлубот, шикорӣ, кишоварзӣ, моҳидорӣ ва ғ.-ро) муттаҳид менамояд. 2. Муодилаи И. – муодилае, ки бо ёрии *интеграл* функсияи номаълумро бо функсияи маълум пайваст мекунад. **3**. Ҳисоби И. – соҳаи математика, ки хусусият ва усулҳои ҳисоб кардани *интегралҳоро* меомӯзад.

**ИНТЕГРА́ТСИЯ (ИНТЕГРА́ЦИЯ),** [< лот. integratio барқарорсозӣ]. **1**. Ҳамгироӣ; интегратсияи иҷтимоӣ – ҷалб намудан (гардидан) ба ҳаёти ҷомеа. **2**. Ҳамбастагӣ; яклухтшавӣ; муттаҳидшавӣ; ба чизи том муттаҳид (яклухт) гардидани қисмҳои гуногун.

**ИНТЕГРОНӢ,** [< лот. integer том]. *мат.* Ёфтани *интеграли* номуайян ё ҳалли муодилаи *дифференсиалӣ.*

**ИНТЕГУМЕ́НТ,** [< лот. integumentum парда]. *бот.* Пардаи тухммуғчаи растанӣ.

**ИНТЕЛЛЕ́КТ,** [лот. intellectus]. **1**. Ақл, зеҳн, хирад, қобилияти фикррониии инсон. **2**. И.-и сунъӣ – *маҷ.* компютер.

**ИНТЕЛЛЕКТУА́Л,** [< *интеллект*]. Одами баландмаърифат, хирадманд.

**ИНТЕЛЛЕКТУАЛИ́ЗМ,** [< *интеллект*]. *фалс., психол.* Таълимоте дар фалсафа ва психология, ки нақши *интеллект* (ақл, хирад, зеҳн)-ро дар шуур ва дарки воқеият ҳалкунанда мешуморад ва нақши ҳиссиёт, ирода ва саъю кӯшишро паст мезанад.

**ИНТЕЛЛИГЕ́НТ,** [< лот. intellegens доно, оқил]. **1**. Шахсе, ки бо меҳнати фикрӣ машғул аст. **2**. Зиёӣ; одами соҳибмаълумот ва бофарҳанг.

**ИНТЕЛЛИГЕ́НТСИЯ (ИНТЕЛЛИГЕ́НЦИЯ),** [< лот. intellegens доно, оқил]. Зиёиён; кормандони меҳнати фикрӣ, ки соҳиби маълумот буда, дар соҳаҳои гуногуни илм, техника, адабиёт, фарҳанг дониши махсус доранд.

**ИНТЕНДА́НТ,** [фр. intendant]. **1**. Дар қувваҳои мусаллаҳи бисёр мамлакатҳо – шахси соҳибвазифаи дорои рутбаи афсарӣ, ки ба таъминоти молиявию озуқаворӣи қисмҳои ҳарбӣ мутасаддӣ аст. **2**. *таър.* Дар Фаронса то инқилоби буржуазии асри 18 – шахси соҳибвазифаи вилоят, ки ҳокимияти судӣ, полисӣ, молиявӣ дар дасташ буд.

**ИНТЕНСИВӢ,** [< лот. intensio шиддат]. **1**. Шадид, қавӣ, бошаст, бошитоб, босуръат. **2**. *иқт.* Хоҷагии И. – хоҷагие, ки асосан аз ҳисоби афзунгардонии ҳосилнокии меҳнат, беҳтар намудани шароити истеҳсолот ва татбиқи техникаю технологияҳои нав инкишоф меёбад; баракси *экстенсивӣ.* **3**. *тиб.* Муолиҷаи И. – муолиҷаи бошитоб; муолиҷае, ки ба наҷот додани ҳаёти бемор равона гардидааст.

**ИНТЕНСИФИКА́ТСИЯ (ИНТЕНСИФИКА́ЦИЯ),** [< лот. intensio шиддат]. Тақвиятбахшӣ, суръатбахшӣ, шиддатфизоӣ; зиёд намудани ҳосилнокӣ.

**ИНТЕ́НСИЯ (ИНТЕ́НЦИЯ),** [< лот. intendere ба фикр афтодан, қасди чизе кардан]. Ният, маром; ба чизе равона гардидани фикру зикр, майл ва ҳиссиёт.

**ИНТЕР...¹,** [< лот. inter дар байни]. Пешванд дар калимаҳои хориҷӣ ба маънои «байн», «дар байни», мас., *интерфаза*.

**ИНТЕР...²,** [қисми аввали калимаи «*интернатсионалӣ*»]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки маънои байналмилалиро ифода мекунад, мас., *интервидение*.

**ИНТЕРАКТИВӢ,** [англ. interactive < inter дар байни + active фаъол]. **1**. *инф*. Мансуб ба кори одам бо компютер; р е ҷ а и  И . – реҷаи кор бо компютер, ки ҳангоми он истифодабаранда ин ё он барномаро идора мекунад; реҷаи *он-лайнӣ* низ гӯянд. **2**. Муколамавӣ. **3**. Т а ъ л и м и  И . – таълими тарафайнфаъол; чунин шакли таълим (дарсдиҳӣ), ки ҳангоми он таълимгирандагон дар баробари муаллим фаъол мебошанд ва дар дарсҳо бозӣ, саволу ҷавоб, муҳокима, *викторинаҳо* бештар истифода мешаванд.

**ИНТЕРБРИГА́ДАҲО,** [< лот. inter дар байни + *бригадаҳо*]. *таър*. Дастаҳои ҷанговарони ихтиёрӣ аз 54 мамлакат, ки дар давраи ҷанги граждании солҳои 1936-1939 аз ҷониби ҷумҳурии Испания меҷангиданд.

**ИНТЕРВА́Л,** [лот. intervallum]. **1**. Фосила; масофаи байни ду чиз (дар фазо ё вақт); танаффус. || Мқс. дистансия. **2**. *мус., физ*. Фосила; бӯъд; фарқияти баландии ду садо.

**ИНТЕРВЕ́НТ,** [< *интервенсия*]. Мудохилакор; ташкилкунанда ё иштироккунандаи *интервенсия*.

**ИНТЕРВЕ́НСИЯ (ИНТЕРВЕ́НЦИЯ),** [< лот. interventio пворидшавӣ]. **1**. Дахолати таҷовузкоронаи як ё якчанд давлат ба давлати дигар; мусаллаҳона, иқтисодӣ, дипломатӣ, идеологӣ мешавад. || Мқс. агрессия, аннексия. **2**. *мол*. Амалиёти бонки эмиссионии марказӣ оид ба харид ё фурӯши ин ё он асъор бо мақсади нигоҳ доштани қурби он.

**ИНТЕРВИ́ДЕНИЕ,** [< лот. inter дар байни + *телевидение* (телевизион)]. Муассисаи байналхалқии телевизионӣ, ки с. 1960 бо мақсади мубодилаи намоишҳои телевизионӣ ташкил карда шудааст.

**ИНТЕРВОКАЛӢ,** [< лот. inter дар байни + vocalis садонок]. *збш*. Байнисадонокӣ; овози дар байни ду овози садонок ҷойгиршуда.

**ИНТЕРВЮ́ (ИНТЕРВЬЮ́),** [англ. interview < inter дар байни + view фикр, ақида]. **1**. Мусоҳиба; суҳбати журналист бо як ё якчанд шахс дар ягон мавзуи мубрам (одатан дар шакли саволу ҷавоб). **2**. Дар тадқиқоти *сотсиологӣ* – суҳбати пешакӣ ба нақша гирифташуда бо иштирокчӣ ё иштирокчиёни пурсиш. **3**. Суҳбати корманди консулхона бо шахси хориҷие, ки раводид гирифтан мехоҳад.

**ИНТЕРВЮЕ́Р (ИНТЕРВЬЮЕ́Р),** [англ. interview < inter дар байни + view фикр, ақида]. **1**. Мусоҳибакунанда; суҳбатнигор; журналисте, ки бо як ё якчанд шахс дар

ягон мавзуи мубрам саволу ҷавоб мекунад (*интервю* мегирад). **2**. Шахсе, ки пурсиши *сотсиологӣ* мегузаронад.

**ИНТЕРГЛЯТСИА́Л (ИНТЕРГЛЯЦИА́Л),** [< лот. inter дар байни + glasio ях бастан]. Фосилаи байни ду давраи яхбандӣ; дар ин давра иқлим гармтар шуда, аввалин организмҳои гармидӯст пайдо шуданд.

**ИНТЕРДИ́КТ,** [< лот. interdictum манъ кардан]. *таър*. Дар ҳуқуқи Рим – фармони *претор*, ки мувофиқи он ин ё он амали яке аз тарафҳои баҳскунанда ҷонибдорӣ ё манъ карда мешуд.

**ИНТЕРЙЕ́Р (ИНТЕРЬЕ́Р),** [< фр. interieur дарунӣ]. **1**. Зебу зинат ва ороиши қисми даруни бино, мас., даҳлез, ҳуҷраҳо, толор (*зал*) ва ғ. **2**. *физиол*. Сохти дохилии узвҳо ва бофтаҳо, хусусиятҳои биохимиявӣ ва физиологии организми чорво, ки бо маҳсулнокию хушзотии онҳо вобастаанд.

**ИНТЕРКИНЕ́З,** [< лот. inter дар байни + юн. kinesis ҳаракат]. *биол*. Ниг. *интерфаза*.

**ИНТЕРЛИ́НГВА,** [< лот. inter дар байни + lingua забон]. *збш*. **1**. Забони сунъии байналхалқие, ки соли 1908 математики италиявӣ Чузеппе Пеано ихтироъ карда буд. **2**. Забони сунъии байналхалқие, ки соли 1950 Иттиҳодияи байналмилалии забони сунъӣ пешниҳод карда буд.

**ИНТЕРЛИНГВИ́СТИКА,** [< лот. inter дар байни + *лингвистика*]. Соҳаи забоншиносӣ, ки масъалаҳои ихтироъ кардан ва истифода бурдани забонҳои сунъии байналхалқиро тадқиқ менамояд.

**ИНТЕРЛИНЯ́Ж (ИНТЕРЛИНЬЯ́Ж),** [< лот. inter дар байни + ligne сатр]. Ҷои холи байни ду сатри китоб, маҷалла ва ғ.

**ИНТЕРЛЮ́ДИЯ,** [< лот. inter дар байни + ludus бозӣ]. *санъ*. **1**. Дар асрҳои миёна – пйесаи хурди театрӣ, ки аз панду насиҳатҳои динӣ иборат буд. **2**. Дар театри муосир – пйесачаи ҳаҷвие, ки дар танаффуси байни пардаҳои спектакл, драма ё опера иҷро карда мешавад; *интермедия* низ гӯянд. **3**. Пйесаи хурди мусиқӣ, ки дар байни қисмҳои асосии асари мусиқӣ иҷро карда мешавад.

**ИНТЕРМЕ́ДИЯ,** [< лот. intermedius дар байн ҷойгиршуда]. *санъ*. Пйесачаи ҳаҷвие, ки дар танаффуси байни пардаҳои спектакл, драма ё опера иҷро карда мешавад.

**ИНТЕРМЕ́ССО (ИНТЕРМЕ́ЦЦО),** [< ит. intermezzo танаффус]. *санъ*. **1**. Ниг. *интермедия*. **2**. Пйесаи хурди мусиқӣ.

**ИНТЕ́РН,** [< лот. internus дохилӣ]. Хатмкардаи мактаби олии тиббӣ, ки дар беморхона ё дар *клиника* таҷриба меомӯзад; духтури навкоре, ки барои такмили ихтисос муваққатан ба ягон муассисаи тиббӣ фиристода шудааст. || Мқс. ординатор, экстерн.

**ИНТЕРНА́Т,** [< лот. internus дохилӣ]. **1**. Мактабе, ки дар он талабагон ҳам таълим мегиранд ва ҳам зиндагӣ мекунанд. || Мқс. пансион. **2**. Хобгоҳи талабагон дар назди муассисаи таълимӣ. **3**. Хона (хобгоҳ) барои маъюбон ва пиронсолон.

**ИНТЕРНАТУ́РА,** [< лот. internus дохилӣ]. Яке аз шаклҳои таҷрибаомӯзии баъдидипломии духтурон – хатмкардагони мактабҳои олии тиббӣ дар *клиникаҳо* ва беморхонаҳо.

**ИНТЕРНАТСИОНА́Л (ИНТЕРНАЦИОНА́Л),** [< лот. inter дар байни + nation халқ]. **1**. Иттиҳодияи байналхалқӣ; И.-и коммунистӣ (Коминтерн) – ташкилоти байналхалқие, ки ҳизбҳои коммунистии тамоми ҷаҳонро аз с. 1919 то с. 1943 муттаҳид карда буд; И.-и сотсиалистӣ – иттиҳодияи байналхалқии ҳизбҳои сотсиалистӣ ва сотсиал-демократӣ (*лейбористӣ*), ки с. 1951 таъсис ёфтааст ва ҳоло ҳам вуҷуд дорад. **2**. *Гимни* байналхалқии *пролетарӣ*, ки коргарони фаронсавӣ Э. Потйе (матнашро) ва П. Дегейтер (оҳангашро) навишта буданд.

**ИНТЕРНАТСИОНАЛИЗА́ТСИЯ (ИНТЕРНАЦИОНАЛИЗА́ЦИЯ),** [< лот. inter дар байни + nation халқ]. **1**. *Интернатсионалӣ* (байналмилалӣ, байналхалқӣ) донистани чизе. **2**. Мувофиқи шартнома ба ҳамаи давлатҳо дар асоси баробарӣ додани ҳуқуқи истифодаи ягон минтақа, иншоот, дарё, баҳр ва ғ.

**ИНТЕРНАТСИОНАЛИ́ЗМ (ИНТЕРНАЦИОНАЛИ́ЗМ),** [< лот. inter дар байни + nation халқ]. Баробарӣ, ҳамраъйӣ, якдилӣ ва ҳамкории ҳамаи халқҳои ҷаҳон; баракси *натсионализм*.

**ИНТЕРНАТСИОНАЛӢ́ (ИНТЕРНАЦИОНАЛӢ́),** [< лот. inter дар байни + nation халқ]. Байналмилалӣ, байналхалқӣ.

**ИНТЕРНЕ́Т,** [англ. Internet < inter байналмилалӣ + net шабака, тори анкабут]. *инф*. Шабакаи байналмилалии *компютерӣ* (ниг. *веб*); И. ба истифодабарандагони компютер имконият медиҳад, ки бо якдигар робита ва муошират намоянд, ба якдигар матн ё сурат фиристанд, иттилооти даркориашонро пайдо намоянд.

**ИНТЕРНЕ́Т...,** [< *Интернет*]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки бо Интернет робита доштанро мефаҳмонад, мас., *интернет-маркетинг, интернет-провайдер*.

**ИНТЕРНЕ́Т-АРТ**, [< *Интернет* + art санъат]. *санъ., инф*. **1**. Равияе дар санъати муосир, ки пайравони он бо истифода аз технологияҳои компютерӣ ва *Интернет* асар эҷод мекунанд. **2**. Асари санъате, ки бо ҳамин усул эҷод шудааст; *веб-арт* ва *нет-арт* низ гӯянд.

**ИНТЕРНЕ́Т-БА́НКИНГ**, [< *Интернет* + *банк (бонк)*]. *мол., инф*. Навъи хизматрасонии фосилавии бонк ба тавассути шабакаҳои *Интернет*.

**ИНТЕРНЕ́Т-КАФЕ́,** [< *Интернет* + *кафе*]. Интернет-қаҳвахона; қаҳвахонача ё хонаи бо компютерҳо муҷаҳҳаз, ки дар он ҷо ғайр хизматҳои дар қаҳвахона расондашаванда инчунин имконияти пайвастшавӣ бо Интернет, машғул шудан бо бозиҳои интернетӣ ва м. инҳо таъмин карда мешавад.

**ИНТЕРНЕ́Т-КОНФЕРЕ́НСИЯ**, [< *Интернет* + *конференсия*]. *инф*. Мубодилаи афкор дар шабакаи Интернет дар реҷаи вақти воқеӣ.

**ИНТЕРНЕ́Т-МА́РКЕТИНГ**, [< *Интернет* + marrket фурӯхтан]. *тиҷ., инф*. Тиҷорат, савдо (*маркетинг*) бо истифода аз шабакаҳои интернетӣ.

**ИНТЕРНЕ́Т-МЕ́ССЕНҶЕР**, [< *Интернет* + marrket фурӯхтан]. Ниг. *мессенҷер*.

**ИНТЕРНЕ́Т ПРОВА́ЙДЕР,** [англ. Internet provider]. *инф*. Ташкилот, ширкат ё шахсе, ки *Интернетро* ба одамон дастрас мегардонад.

**ИНТЕРНЕ́Т ПРОВА́ЙДИНГ,** [англ. Internet providing]. Соҳаи тиҷорат – хариду фурӯши мол ва расондани хизматҳо ба воситаи *Интернет*.

**ИНТЕРНЕ́Т-ПРОТОКО́Л,** [англ. Internet + *протокол*]. Барномаи компютерие, ки ба воситаи он *браузер* аз *вебсервер* иттилоотро қабул мекунад; *ай пи* низ гӯянд.

**ИНТЕРНЕ́Т-ЭКСПЛО́РЕР,** [англ. Internet + explorer]. Барномаи машҳури ширкати «Майкрософт», ки бо ёрии он *браузерро* нусхабардорӣ кардан ва намудҳои гуногуни *веб-саҳифаҳоро* кушодан мумкин аст.

**ИНТЕРНИ́СТ,** [< лот. internus дарунӣ]. Духтуре, ки бемориҳои даруниро табобат мекунад; *терапевт* низ гӯянд.

**ИНТЕРОРЕТСЕ́ПТОРҲО, ИНТЕРОТСЕ́ПТОРҲО (ИНТЕРОРЕЦЕ́ПТОРҲО, ИНТЕРОЦЕ́ПТОРҲО),** [< лот. interior дарунӣ + *ретсепторҳо*]. *физиол*. Анҷомаҳои ҳассоси асаб, ки ангезишҳоро аз муҳити дохилии организм қабул мекунанд; дар мушакҳо, рагу пайҳо ва узвҳои дарунӣ ҷойгир шудаанд.

**ИНТЕРПЕЛЛЯ́ТСИЯ (ИНТЕРПЕЛЛЯ́ЦИЯ),** [< лот. interpellare буридани сухан]. *ҳуқ*. Аз ҳукумат ё аъзои ҳукумат (мас., вазир, раиси кумита ва ғ.) эзоҳоти махсус талаб кардани вакили парламент доир ба ягон масъала.

**ИНТЕРПО́Л,** [англ. Interpol]. Ташкилоти байналмилалии *политсияи криминалӣ* (ҷиноятӣ), ки марказаш дар Париж аст.

**ИНТЕРПОЛЯ́ТОР,** [< *интерполятсия*]. *тех., инф*. Асбоби рақамии ҳисоббарор барои муайян кардани координати нуқтае, ки аз рӯи хати каҷи додашудаи аналитикӣ ҳаракат мекунад.

**ИНТЕРПОЛЯ́ТСИЯ (ИНТЕРПОЛЯ́ЦИЯ),** [< лот. interpolatio тағйир додан]. **1**. *мат*. Аз рӯи баъзе қиматҳои маълуми функсия ёфтани қиматҳои мобайнии он. **2**. Аз тарафи хаттот, муҳаррир ё тарҷумон ба матни асар дохил намудани калимаҳо ё ибораҳое, ки дар нусхаи асл вуҷуд надоранд.

**ИНТЕРПРЕТА́ТСИЯ (ИНТЕРПРЕТА́ЦИЯ),** [< лот. interpretatio шарҳ додан, тарҷума кардан]. **1**. Тафсир, шарҳ, маънидод кардани чизе. **2**. Сохтани амсила барои системаҳои *абстрактии* мантиқ ва математика.

**ИНТЕРСЕ́КС**, [< лот. inter дар байни + sexus ҷинс]. *физиол*. Одам ё ҳайвоне, ки дорои аломатҳои ҳарду ҷинс мебошад. || Мқс. гермафродит.

**ИНТЕРСЕКСУАЛИ́ЗМ,** [< лот. inter дар байни + sexus ҷинс]. *физиол*. Дар одам ё ҳайвон вуҷуд доштани аломатҳои ҳарду ҷинс. || Мқс. гермафродитизм.

**ИНТЕРФА́ЗА,** [< лот. inter дар байни + *фаза*]. *биол*. Давраи силсилаи ҳаётии ҳуҷайра дар байни ду давраи пайдарҳами *митоза*; *интеркинез* низ гӯянд.

**ИНТЕРФЕ́ЙС,** [англ. interfase]. *инф., тех.* Маҷмуи робитаю сигналҳои якхелашудаи байни унсурҳои техникаи ҳисоббарор; барои мубодилаи иттилоот дар байни олатҳои гуногуни компютер, мас., дар байни олати воридкунандаи иттилоот ва олати хотира истифода мешавад.

**ИНТЕРФЕРЕ́НСИЯ (ИНТЕРФЕРЕ́НЦИЯ),** [< лот. inter дар байни + ferens интиқолдиҳанда, баранда]. **1**. *физ.* Ба ҳамдигар таъсир расондани мавҷҳои садо, рӯшноӣ ва ғ. дар ҳолати муқобили якдигар истодани онҳо. **2**. *биол.* Амали якҷояи вирус бо ҳуҷайраҳои организм, ки дар натиҷаи ин ҳуҷайраҳо сафедаи пастмолекулярии *интерферон* ҷудо мекунанд ва ин сафеда инкишофи вирусҳои дигарро бозмедорад. **3**. *збш.* Ба якдигар таъсир расондани ду системаи забонӣ дар сурати якбора аз ду забон истифода бурдани аҳолӣ.

**ИНТЕРФЕРО́МЕТР,** [< *интерференсия* + *…метр*]. *физ., тех.* Асбоб барои чен кардан ва омӯхтани дарозии мавҷҳои хатҳои *спектрӣ* ва нишондиҳандаҳои инкисори фазоҳои шаффоф.

**ИНТЕРФЕРО́Н,** [< лот. inter дар байни + ferens интиқолдиҳанда, баранда]. *хим., тиб.* Моддаи сафедагие, ки дар организм ҳангоми ба он сироят намудани *вирусҳо* ҳосил мешавад; И. ба воридшавии вирусҳо ва афзоиш ёфтани онҳо монеъ мегардад; барои пешгирӣ ва табобати бемориҳои вирусӣ, мас., *грипп* истифода мешавад.

**ИНТЕРФИ́КС,** [< лот. inter дар байни + fixus вобасташуда]. *збш.* Қисми калима, ки решаро бо пасванд ё решаҳоро бо якдигар мепайвандад, мас., «-о-» дар калимаи «гирдогирд».

**ИНТЕРСЕ́ПТОР (ИНТЕРЦЕ́ПТОР),** [англ. interceptor]. Лавҳаи (*пластинаи*) болою поёншаванда дар қаноти ҳавопаймо, ки барои устувории парвоз ва кам кардани давиши ҳавопаймо дар вақти нишастани он хизмат мекунад.

**ИНТЕРСЕ́ССИЯ (ИНТЕРЦЕ́ССИЯ),** [< лот. inter дар байни + cessio дахолат]. **1**. *таър.* Дар Рими Қадим – ҳуқуқи шахси мансабдор ба бакор кардани қарор ё фармони шахси мансабдори дигаре, ки мартабааш бо мартабаи ӯ баробар ё аз он пасттар аст. **2**. *ҳуқ.* Ҳамроҳшавӣ ба шартнома ба хотири ҷонибдории шахси қарздор, яъне кафил шудан ба пардохти қарз ё ба зиммаи худ гирифтани пардохти қарзи бегона.

**ИНТИ́М**, [лот. intimus]. *гуфт.* Шароите, ки ба муоширати маҳрамона ва мубошират мусоидат менамояд.

**И́НТИМА,** [< лот. intimus дарунтарин]. *физиол.* Пардаи дарунии девори рагҳои хун. || Мқс. эпендима.

**ИНТОКСИКА́ТСИЯ (ИНТОКСИКА́ЦИЯ),** [< лот. in дарун + юн. toxikon заҳр]. *тиб.* Заҳролудшавӣ; бо моддаҳои заҳрнок (*токсинҳо*) заҳролуд шудани организм.

**ИНТОНА́ТСИЯ (ИНТОНА́ЦИЯ),** [< лот. intonatio бо овози баланд талаффуз кардан]. **1**. Оҳанги нутқ; пасту баландшавии садои он. **2**. Тарзи талаффуз, ки

ҳиссиёт ё ҳолати ботинии гӯяндаро ифода мекунад. **3**. Дар мусиқӣ ва сурудхонӣ – дуруст риоя кардани дараҷаи пастию баландии овоз.

**ИНТРА́ДА,** [ит. intrada]. Дебоча; пйесаи хурди мусиқие, ки ба сифати дебочаи маросими тантанавӣ, базм ё асари асосии мусиқӣ хизмат мекунад.

**ИНТРАМОЛЕКУЛЯРӢ,** [< лот. intra дарун + *молекула*]. *биол.* Н а ф а с к а ш и и И . – нафаскашии *анаэробӣ*; оксигени озодро фурӯ набурда, гази ангидриди карбон ҷудо кардани растаниҳо.

**ИНТРИ́ГА,** [< лот. intricare чигил кардан]. **1**. Макр, фитна, найранг, дасиса. **2**. *адш.* Амалиёти асосии *драма* ё *роман*, ки воқеа дар атрофи он инкишоф меёбад. **3**. Ишқбозӣ.

**ИНТРИГА́Н,** [< *интрига*]. Маккор, найрангбоз, фитнагар, дасисакор.

**ИНТРОВЕ́РТ,** [< лот. intro дарун + verto тоб медиҳам]. *психол.* Шахси мардумгурез, хилватгузин, дарундор, худбин; баракси *экстраверт.*

**ИНТРОДУ́КСИЯ (ИНТРОДУ́КЦИЯ)[1],** [< лот. introductio муқаддима]. *мус.* Дебоча; қисми даромади асари мусиқӣ. || Мқс. интрада, прелюдия.

**ИНТРОДУ́КСИЯ (ИНТРОДУ́КЦИЯ)[2],** [< лот. introductio муқаддима]. **1**. *бот., кшв.* Кишти навъу намудҳои гуногуни растанӣ дар ҷойҳое, ки пештар онҳо намерӯиданд. **2**. *зоол.* Паҳншавии ҳайвонот берун аз *ареали* табиияшон ва мутобиқшавии онҳо ба шароити нав.

**ИНТРО́Н,** [< лот. inter дар байни]. *биол.* Қитъаи *ген*, ки дар байни қитъаҳои рамзсоз – *экзонҳо* ҷойгир шуда, ҳомили иттилоот дар бораи сохти ибтидоии сафеда нест.

**ИНТРОНИЗА́ТСИЯ (ИНТРОНИЗА́ЦИЯ),** [< лот. in дар + thronos тахт]. Маросими ботантанаи ба тахт шинондани *Папаи Рим* ё *Патриарх.* || Мқс. инаугуратсия, коронатсия.

**ИНТРОСКОПИ́Я,** [< лот. intro дарун + юн. skopeo мебинам]. Муоинаи объктҳо ва равандҳои дохили моддаҳо ва ҷисмҳои ношаффоф бо ёрии мавҷҳои овозӣ ва радиомавҷҳо, нурҳои *рентгенӣ* ва инфрасурх.

**ИНТРОСЕ́ПСИЯ (ИНТРОЦЕ́ПЦИЯ),** [< лот. intro дарун + *ретсепторҳо*]. Ҷунбаҳои (*импулсҳои*) узвҳои даруниро дарк намудани системаи марказии асаб бо ёрии *ретсепторҳо*.

**ИНТРУЗИ́В,** [< лот. intrusio дохил шудан]. *геол.* Ҷинси геологие, ки ҳангоми хунук шудани тафта (*магма*) дар қишри замин ҳосил мешавад – *батолит, лополит* ва ғ.

**ИНТРУ́ЗИЯ,** [< лот. intrusio дохил шудан]. *геол.* Дар қишри замин ҷой гирифтани тафтаи гудохта.

**ИНТУБА́ТСИЯ (ИНТУБА́ЦИЯ),** [< лот. in дар, дарун + tuba қубур, ной]. *тиб.* Аз даҳон ба гулӯ андохтани нойи махсус ҳангоми варам кардани гулӯ ва тангшавии нафас.

**ИНТУИТИВИ́ЗМ,** [< *интуитсия*]. *фалс.* Ҷараёни фарсафие, ки фаросатро (*интуитсияро*) боэътимодтарин воситаи дарки олам мешуморад ва баъзан онро бо ақлу хирад муқобил мегузорад.

**ИНТУИ́ТСИЯ (ИНТУИ́ЦИЯ),** [< лот. intueri бо диққат нигаристан]. Фаросат, гувоҳии дил, ҳисси пешакӣ.

**ИНУЛИ́Н,** [англ. inulin]. *биол., хим. Полисахариде*, ки аз боқимондаҳои *фруктоза* пайдо мешавад; ангиштоби эҳтиётии бисёр растаниҳо, асосан мураккабгулҳо.

**ИНФА́ЙТИНГ,** [англ. infighting]. *варз.* Дар *бокс* – муҳориба дар масофаи наздик.

**ИНФА́НТ, ИНФА́НТА,** [исп. infante]. Унвони шоҳзодаҳо ва шоҳдухтарон дар Испания ва Португалияи замони пеш.

**ИНФАНТА́ДО,** [исп. infantado]. Зоти гӯсфандони маҳинпашм (*меринос*).

**ИНФАНТЕ́РИЯ,** [ит. infanteria]. *ҳарб., кӯҳна.* Лашкари пиёдагард.

**ИНФАНТИЛИ́ЗМ,** [< лот. infantilis кӯдакона]. *тиб.* Тифлсифатӣ, кӯдакмонандӣ; таъхири инкишофи организм – дар сохти ҷисмонии одами калонсол ё дар хислату рафтори ӯ боқӣ мондани сифатҳои кӯдакона.

**ИНФА́РКТ,** [< лот. infarctus пуршуда]. *тиб.* Сакта; маҳв шудани қисме аз узв ё бофта, ки дар натиҷаи қатъ ё вайрон шудани гардиши хун ба амал меояд; И.-и миокард – сактаи дил; маҳв шудани як қисми мушаки дил дар натиҷаи вайроншавии хунгардиши иклилӣ (коронарӣ).

**ИНФА́УНА,** [< лот. in дар, дарун + *фауна*]. *биол.* Маҷмуи ҷонварони обие, ки дар замини таги ҳавзаҳои об зиндагӣ мекунанд. || Мқс. эпифауна.

**ИНФЕКСИОНӢ (ИНФЕКЦИОНӢ),** [< лот. inficere вайрон кардан]. *тиб.* Бемориҳои И. – бемориҳои сироятӣ; бемориҳои гузаранда; бемориҳое, ки бо таъсири микроорганизмҳои гуногуни касалиовар пайдо мешаванд (чунин микроорганизмҳо аз ҳайвон ё одами сироятёфта ба одами солим мегузаранд).

**ИНФЕ́КСИЯ (ИНФЕ́КЦИЯ),** [< лот. inficere вайрон кардан]. *тиб.* Сироят; ба организми зинда даромадан ва афзоиш ёфтани микроорганизмҳои бемориовар.

**И́НФИКС,** [< лот. infixus гузошташуда]. *збш.* Миёнванд; *аффиксе*, ки барои тағйир додани маънои калима ё сохтани калимаи нав дар дохили реша гузошта мешавад.

**ИНФИЛТРА́Т (ИНФИЛЬТРА́Т),** [< лот. in дар, дарун + filtrates софшуда]. **1**. *тиб.* Сахту калон шудани ҳаҷми бофтаҳо аз сабаби дар онҳо ҷамъ шудани хун, *лимфа*, ҳуҷайраҳои омос ва ғ. **2**. *маҷ.* Дастаи қочоқчиён, террористҳо, партизанҳо, ҷосусон, разведкачиён ва м. инҳо, ки аз сарҳад гузаштаанд.

**ИНФИЛТРА́ТСИЯ (ИНФИЛЬТРА́ЦИЯ),** [< лот. in дар, дарун + filtrates софшуда]. **1**. Гузаштан, убур кардан, мас., аз сарҳад гузаштани ҷосусон, қочоқчиён ва м. инҳо. **2**. *геол.* Заҳидан; ба хок, ҷинсҳои кӯҳӣ ба воситаи сӯрохиҳои *капиллярӣ* ва

*субкапиллярӣ* даромадани обҳои атмосферӣ ва рӯизаминӣ. **3**. *тиб*. Ба бофтаҳои бадан даромада ғун шудани хун, *лимфа*, моддаҳои химиявӣ ва ғ.

**ИНФИНИТИ́В,** [< лот. infinitivus номуайян]. *збш*. Масдар; шакли номуайяни феъл; шакли тасрифнашавандаи феъл.

**ИНФЛЮА́ТСИЯ (ИНФЛЮА́ЦИЯ),** [< лот. infuere заҳидан]. *геол*. Ба қишри замин даромадани обҳои рӯизаминӣ ба воситаи тарқишҳои калон, каналҳо, чуқуриҳо.

**ИНФЛЮЭ́НСА, ИНФЛУЭ́НСА (ИНФЛЮЭ́НЦА, ИНФЛУЭ́НЦА),** [< лот. infuere заҳидан]. *тиб., кӯҳна*. Номи пештараи *грипп* (зуком).

**ИНФЛЯ́ТСИЯ (ИНФЛЯ́ЦИЯ),** [< лот. inflatio варам кардан, дамидан]. *мол*. Таваррум; беқурбшавии пули коғазӣ аз сабаби ба муомилот аз ҳад зиёд баровардани он. || Мқс. дефлятсия.

**ИН-ФО́ЛИО,** [лот. in folio]. Андозаи (*формати*) маҳсулоти чопӣ (китоб, маҷалла, рӯзнома), ки ба нисфи вараqи коғази чопӣ баробар аст (андозаи А-2). || Мқс. ин-кварто, ин-октаво.

**ИНФОРМА́НТ,** [< *информатсия*]. Дар забоншиносӣ, психология ва баъзе илмҳои диг. – одам чун манбаи ҳар гуна маълумот (*информатсия*), мас., оид ба забон, ҳиссиёт, эҳсосот ва ғ.

**ИНФОРМА́ТИКА,** [< *информатсия*]. Иттилоотшиносӣ; илм дар бораи сохт, хусусиятҳо ва қонуниятҳои иттилоот, усулҳои ҷустуҷӯ, интиқол, нигоҳдорӣ, коркард ва истифодаи он дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсон; И. бо истифодаи компютерҳо зич алоқаманд буда, назарияи рамзикунонии иттилоот, ба вуҷуд овардани усулҳо ва забонҳои барномасозиро дар бар мегирад.

**ИНФОРМА́ТОР,** [< *информатсия*]. Иттилоъдиҳанда, маълумотдиҳанда, мухбир.

**ИНФОРМА́ТСИЯ (ИНФОРМА́ЦИЯ),** [< лот. informatio хабар (маълумот) додан]. **1**. Иттилоъ, хабар, маълумот. **2**. Мубодилаи ахбор (маълумот) дар байни одамон, одам ва *автомат*, автомат ва автомат; мубодилаи *сигналҳо* дар олами наботот ва ҳайвонот; И.-и генетикӣ – интиқоли аломатҳо аз ҳуҷайра ба ҳуҷайра. **3**. *мат*. Андозаи миқдории рафъи номуайянӣ; назарияи И. – соҳаи *кибернетика*, ки дар он усулҳои чен кардани миқдори И., ҷамъоварӣ, рамзикунонӣ, табдил ва интиқоли он бо усулҳои математикӣ тадқиқ карда мешавад.

**ИНФОРМОСО́МА,** [< *информатсия* + *(хромо)сома*]. *биол*. Заррачаи дохили ҳуҷайра, ки аз *кислотаи рибонуклеинӣ* иборат буда, дар *биосинтези* сафеда иштирок мекунад.

**ИНФРА…,** [< лот. infra дар зери, поёнтар аз]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънии «дар зери», «поёнтар аз», «дар шафати», мас., *инфрасадо, инфрасурх*. || Мқс. ултра….

**ИНФРАКО́Н,** [< лот. infra дар зери, поёнтар аз + юн. eikon тасвир]. *тех.* Найчаи интиқолдиҳандаи нурию электронии заряднок барои ба сигналҳои электрикӣ табдил додани тасвирҳои ба чашм ноаён.

**ИНФРАМИКРОБИОЛО́ГИЯ,** [< лот. infra дар зери, поёнтар аз + *микробиология*]. Ниг. *вирусология.*

**ИНФРАСАДО́,** [< лот. infra дар зери, поёнтар аз + садо]. Садои хеле пасти гӯшношунав, мавҷҳои чандири монанд ба садо, ки басомадашон пасттар аз 16 лаппиш дар як сония аст (камтар аз 16 Гтс).

**ИНФРАСТРУКТУ́РА,** [< лот. infra дар зери, поёнтар аз + *структура*]. Инфрасохтор; маҷмуи биною иншоот ва идораю сохторҳои ёрирасон, ки барои фаъолияти соҳаҳои асосии истеҳсолоти моддӣ ва таъмини фаъолияти ҳаётии одамон заруранд; И.-и истеҳсолӣ роҳҳо, каналҳо, бандарҳо, анборҳо, системаҳои алоқа ва ғ., И.-и иҷтимоӣ бошад, мактабҳо, беморхонаҳо, театрҳо, варзишгоҳҳо ва ғ.-ро дар бар мегирад.

**ИНФРАСУ́РХ,** [< лот. infra дар зери, поёнтар аз + сурх]. Нурҳои электромагнитии бо чашми одӣ диданашаванда, ки дарозии мавҷи онҳо тахминан аз 1-2 мм то 0,74 мкм мебошад.

**ИНФУЗО́РИЯ,** [< лот. infusus ба ягон чиз рехташуда]. *зоол.* Ҷонвари содатарини якҳуҷайрагие, ки дар обҳои ширин ва шӯр, инчунин дар заминҳои намнок зиндагӣ мекунанд; дарозиашон аз 10 мкм то 3 мм.

**ИНФУНДИБУЛО́МА,** [лот. infundibuloma]. *тиб.* Омоси поя *гипоталамус.*

**ИНСЕ́СТ (ИНЦЕ́СТ),** [лот. incestum]. Алоқаи ҷинсии байни хешовандони наздик.

**ИНСУ́ХТ (ИНЦУ́ХТ),** [ол. Inzucht]. *бот.* Ҷуфтикунонии организмҳои бо якдигар хеш (ниг. *имбридинг*); истилоҳи И.-ро нисбати растаниҳо истифода мебаранд.

**ИНЧ,** [англ. inch]. Андозаи англисии дарозӣ, ки ба 25,4 мм баробар аст.

**ИНЪЕ́КСИЯ (ИНЪЕ́КЦИЯ),** [< лот. injectio партофтан]. *тиб.* Тазриқ; ба бадан фиристодани дору ба воситаи сӯзан.

**ИО́Д,** [< лот. Iodum бунафш]. Ниг. *йод.*

**ИОДАРГИРИ́Т**, [< лот. Iodum иод + Argentum нуқра]. Минерали нодири рангаш зард – *иодиди* нуқра (AgI).

**ИОДИ́ДҲО,** [< лот. Iodum бунафш]. Ниг. *йодидҳо.*

**ИОДИ́ЗМ,** [< лот. Iodum бунафш]. *тиб.* Зуком, дигар бемориҳои «шамолхӯрӣ», инчунин бемории саглес, ки дар натиҷаи дурудароз истифода бурдани доруи иод (йод) пайдо мешаванд.

**ИОДОФО́РМ,** [< лот. Iodum иод + forme шакл]. *маъд.* Кристаллҳои зард – пайвасти органикие, ки таркибаш ба таркиби *хлороформ* монанд аст.

**ИО́Л,** [ҳол. jol]. Киштичаи дусутунаи бодбонҳояш уреб.

**ИОЛИ́Т,** [англ. iolite]. *маъд. Алюмосиликати* мураккаби магний, оҳан ва алюминий.

**ИО́Н,** [< юн. ion раванда]. *физ.* Зарраи дорои *заряди* электрӣ.

**ИОНИЗА́ТОР,** [< юн. ion раванда]. *физ.* Асбоб барои ба *ионҳо* табдил додани атомҳо ва молекулаҳо (*ионизатсия*).

**ИОНИЗА́ТСИЯ (ИОНИЗА́ЦИЯ),** [< юн. ion раванда]. *физ.* Ба *ионҳо* табдил ёфтани атом ва молекулаҳо.

**ИОНИ́ТҲО,** [< юн. ion раванда]. *физ.* Моддаҳои сахти ҳалнашавандае, ки қодиранд ионҳои худро бо ионҳои моддаҳои дигар радду бадал намоянд.

**ИОНОЗО́НД,** [< *ионосфера* + фр. sonde сих]. Асбоб барои омӯзиши паҳншавии радиомавҷҳо ва тақсимшавии электронҳо дар *ионосфера.*

**ИОНОСФЕ́РА,** [< юн. ion раванда + sphaira кура]. Қабати болоии *атмосфераи* замин, ки ба миқдори зиёд ионҳои атмосферӣ ва электронҳои озод дорад.

**ИОНОТЕРАПИ́Я,** [< юн. ion раванда + *терапия*]. *тиб.* Иондармонӣ; ба организм фиристодани *ионҳо* бо мақсади табобат.

**ИО́ТА, ЙО́ТА,** [< юн. қад.]. Ҳарфи 9-уми алифбои юнонӣ (I, ι).

**ИО́Х,** [ол. Joch]. *кӯҳна.* Андозаи пештараи майдони замин дар мамлакатҳои Аврупои Марказӣ (дар Олмон ба 56,03 ар, дар Венгрия ба 43,16 ар, дар Швейтсария ба 36 ар баробар буд).

**ИПОСТА́С (ИПОСТА́СЬ),** [< юн. қад.]. **1**. *фалс.* Дар фалсафаи Юнони Қадим – ҷавҳар, моҳият. **2**. Дар дини насронӣ – номи ҳар кадоме аз Ваҳдати салоса.

**ИПОТЕ́КА,** [< юн. hypotheke гарав]. **1**. Замонат; байъи ҷоиз; як навъи ба гарав гузоштани амволи ғайриманқул (асосан замин ё манзил) бо мақсади гирифтани қарз. **2**. Маблағи қарзи фоиздоре, ки ба муҳлати дароз (то 10-15 сол) аз ҷониби бонкҳои махсуси *ипотекӣ* (замонатӣ) таҳти гарави амволи ғайриманқул ба муштарӣ дода мешавад, вале амволи гарав ба қарздеҳ дода нашуда, дар ихтиёри қарздор боқӣ мемонад.

**ИПОТЕКӢ,** [< юн. hypotheke гарав]. Мансуб ба *ипотека*; б о н к и И. – бонки махсусе, ки таҳти гарави амволи ғайриманқул қарзҳои дарозмуҳлат медиҳад; қ а р з и (к р е д и т и) И. – қарз барои сохтан ё харидани амволи ғайриманқул таҳти гарави амволи ғайриманқул.

**ИПОХО́НДРИЯ,** [< юн. hypochondrios зери қабурға]. *тиб.* Як навъ беморӣ рӯҳӣ – ташвишу изтироби беасос аз саломатии худ; тарс аз гирифтор шудан ба бемориҳои илоҷнопазир; шахси ба И. дучоршуда мушавваш, бадгумон, рӯҳафтода мешавад.

**ИППОДРО́М,** [юн. hippodromes < hippos асп + dromos ҷои давидан]. Майдони аспдавонӣ; иншооти махсус ҷиҳозонидашуда барои озмоиши аспҳои даванд, пойга, чавандозӣ ва м. инҳо.

**ИППОКРЕ́НА,** [юн. hippo krene]. **1**. Дар асотири Юнони Қадим – чашмаи сеҳрноке, ки аз зарбаи суми аспи Зевс *Пегас* пайдо шудааст ва оби он ба шоирон илҳом мебахшидааст. **2**. *маҷ*. Чашмаи илҳом.

**ИППОЛО́ГИЯ,** [< юн. hippos асп + *…логия*]. Аспшиносӣ; илм дар бораи анатомия, физиология ва афзоиши аспҳо.

**ИППОТЕРАПИ́Я,** [< юн. hippos асп + *…терапия*]. *тиб*. Аспдармонӣ; муолиҷаи баъзе бемориҳо, мас., дарди сутунмуҳра бо ёрии аспсаворӣ.

**ИПРИ́Т,** [ол. Iprit]. Моддаи беранги заҳрнок, ки пӯсти бадан, чашм, роҳҳои болоии нафас ва шушро заҳролуд мекунад; ин газро аввалин маротиба немисҳо дар Ҷанги якуми ҷаҳон (с. 1917) бар зидди англисҳо дар назди шаҳри Ипр кор фармуда буданд ва номаш аз ҳамин ҷост.

**И́ПСИЛОН,** [< юн. қад.]. Номи ҳарфи 20-уми алифбои юнонӣ (Υ υ); дар математика ба сифати рамзи бузургии тағйирёбанда хизмат мекунад. || Мқс. алфа, бета, игрек, икс.

**ИРИ́ДА, ИРИ́С,** [юн. Iris (Iridos)]. Дар асотири Юнони Қадим – олиҳаи рангинкамон; қосиди худоҳо, миёнарави байни худоҳо ва одамон ҳисобида мешуд.

**ИРИ́ДИЙ,** [юн. Iridium]. *хим*. Элементи химиявӣ (рамзаш Ir); аз гурӯҳи металҳои платинӣ; металли нуқратоби сахт ва зудшикан.

**ИРИ́ДОДИАГНО́СТИКА,** [< юн. iris рангинкамон + *…диагностика*]. *тиб*. Ташхиси бемориҳо аз рӯи ҳолати инабияи чашм.

**ИРИДОЛО́ГИЯ,** [< юн. iris рангинкамон + *…логия*]. *тиб*. Илм дар бораи вобастагии байни ин ё он беморӣ ва тағйирёбии ҳолати инабияи чашм.

**ИРИДОПЛЕГИ́Я,** [лот. iridoplegia]. *тиб*. Фалаҷи инабияи чашм.

**И́РИС,** [< юн. iris рангинкамон]. **1**. *анат*. Инабияи чашм. **2**. *бот*. Растании бисёрсола аз оилаи савсанҳо, ки гулҳои калон дорад; аз решааш моддаи хушбӯйкунандае мегиранд, ки дар атторӣ ба кор меравад.

**ИРИ́С,** [< юн. iris рангинкамон]. Як хел конфети чоркунҷаи қаҳваранг, ки аз ширу шакар ва *крахмал* тайёр карда мешавад.

**ИРИ́Т,** [< юн. iris рангинкамон]. *тиб*. Варами инабияи чашм.

**И́РОД,** [юн. Erodes]. **1**. Номи подшоҳи яҳудиён И.-и Кабир (солҳои 70-уми то милод), ки бо золимӣ ва бераҳмӣ ном баровара буд. **2**. *маҷ*. Золим, ситамгар, бераҳм, қотил.

**ИРОКЕЗ́ҲО,** [ҳинд. Ам.]. Қабилаҳои аз ҷиҳати забон ба ҳамдигар наздики ҳиндуёни Амрико.

**ИРО́НИЯ,** [< юн. eroneia сохтакорӣ]. **1**. Истеҳзо, тамасхур. **2**. Рамз, киноя. || Мқс. сарказм.

**ИРРАДИА́ТСИЯ (ИРРАДИА́ЦИЯ),** [< лот. irradiare нурфишонӣ]. **1**. *физ*. Ҳодисаи оптикие, ки ҳангоми он чизи сафед дар манзари (*фони*) сиёҳ аз будаш калонтар ва чизи сиёҳ дар манзари сафед аз будаш хурдтар менамояд. **2**. *физиол*. Паҳншавии раванди ангезиш ё хомӯшшавӣ дар системаи марказии асаб. **3**. *тиб*. Паҳншавии дард берун аз ҳудуди бофта ё узви иллатёфта, мас., дард кардани дасти чап ҳангоми *стенокардия*.

**ИРРАТСИОНАЛИ́ЗМ (ИРРАЦИОНАЛИ́ЗМ),** [< лот. irrationalis ғайриоқилона, нооқилона]. *фалс*. Равияи фалсафие, ки имконияти хирадро дар раванди маърифат инкор ё маҳдуд намуда, хаёлот, эътиқод, ирода, ҳиссиёт, фаросат, ғариза, хурофотро воситаҳои асосии маърифат медонад.

**ИРРАТСИОНАЛӢ (ИРРАЦИОНАЛӢ),** [< лот. irrationalis ғайриоқилона, нооқилона]. **1**. Ақлнорас, аз ақл берун, ғайримантиқӣ. **2**. Ғайриқиёсӣ, беқиёс; ададҳои И. – ададҳои ғайриқиёсӣ.

**ИРРЕАЛӢ,** [лот. irrealis]. Ғайривоқеӣ; дар асл вуҷуд надошта; баракси *реалӣ*.

**ИРРИГА́ТСИЯ (ИРРИГА́ЦИЯ),** [< лот. irrigatio об додан, обёрӣ кардан]. **1**. Обёрии сунъии замин. **2**. *тиб*. Бо об ё доруҳои обакӣ шустани ҷароҳат, захм.

**ИРРИТА́ТСИЯ (ИРРИТА́ЦИЯ),** [лот. irritatio]. *тиб*. Ангезиш ёфтан, ба ҳаяҷон омадан.

**ИСПО́ЛШИНА (ИСПО́ЛЬШИНА),** [< рус. исполу нисф]. Нисфкорӣ; дар Россияи подшоҳӣ – як тарзи истисмори деҳқонон; деҳқон заминро ба иҷора гирифта, нисфи ҳосили рӯёндаашро ба соҳиби замин медод.

**ИСТАКО́Н,** [< рус. стакан]. Ниг. *стакан*.

**ИСТЕ́БЛИШМЕНТ,** [< англ. establishment муқаррар кардан, таъсис додан]. Табақаи ҳукмрони ҷомеа – доираҳои ҷамъиятию сиёсие, ки ба ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа таъсири ҳалкунанда мерасонанд.

**ИСТОРИ́ЗМ[1],** [< юн. historia нақл, қисса + пасв. *-изм*]. *збш*. Калимаю ибораҳое, ки мафҳумҳои кӯҳнашуда, аз истифода баромадаро ифода мекунанд.

**ИСТОРИ́ЗМ[2],** [< юн. historia нақл, қисса + пасв. *-изм*]. Таърихият; принсипи ба диалектика хос, ки пайдоишу инкишофи ҳар як ашёву ҳодисаро дар инкишофи таърихии онҳо меомӯзад.

**ИСТОРИОГРА́ФИЯ,** [< юн. historia нақл, қисса + *...графия*]. **1**. Таърихшиносӣ; илме, ки инкишофи донишҳои таърихиро меомӯзад. **2**. Таърихи таҳқиқи ягон масъала, давра.

**ИТЕРА́ТСИЯ (ИТЕРА́ЦИЯ),** [< лот. iteratio такрор кардан]. Натиҷаи ягон амали математикие, ки бо роҳи чанд маротиба такрор кардани ҳамин гуна амалҳо ба даст оварда шудааст.

**ИТТЕ́РБИЙ,** [лот. Ytterbium]. *хим*. Элементи химиявӣ, металл аз оилаи *лантаноидҳо*; рамзаш Yb.

**И́ТТРИЙ,** [лот. Yttrium]. *хим*. Элементи химиявӣ, металли нодири сафеди нуқратоб; рамзаш Y.

**ИУ́ДА,** [< яҳ. қад. jehudi ҳамду санои Худованд]. **1**. Яке аз 12 ҳаввории Исои Масеҳ, ки бо васвасаи шайтон ба ивази 30 тангаи нуқра ба устоди худ (Исо) хиёнат кард. **2**. *маҷ*. Хоин, мунофиқ.

**ИУДАИ́ЗМ,** [< яҳ. қад. jehudi ҳамду санои Худованд + пасв. -*изм*]. Дини яҳудӣ, ки такр. 2 ҳазор сол пеш аз милод дар Фаластин пайдо шудааст; ҳоло дини расмии Исроил ба шумор меравад.

**ИХНЕВМО́Н,** [юн. ichneumon]. *зоол*. **1**. Росу, мири мушон, фиръавнмуш; ҳайвони дарандаи ширхӯр, ки дар кишварҳои гарм зиндагӣ мекунад. **2**. Ҳашароте аз оилаи пардаболҳо.

**ИХНОЛО́ГИЯ,** [< юн. ichnos из + …*логия*]. Изшиносӣ; шуъбаи *палеонтология*, ки изҳои ҷонварони мурдарафтаро меомӯзад.

**ИХТИО…,** [< юн. ichthys моҳӣ]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки бо моҳӣ робита доштани ин калимаҳоро ифода мекунад, мас., *ихтиология*.

**ИХТИО́З,** [< юн. ichthys моҳӣ]. *тиб*. Моҳипӯстӣ; бемории модарзодие, ки боиси хушку пулакчасор шудани пӯст мегардад.

**ИХТИОЗА́ВР,** [< юн. ichthys моҳӣ + …*завр*]. *пал*. Хазандаи баҳрии моҳишакл, ки дар давраи *мезозой* зиндагӣ мекард; дарозии баданаш то 15 м.

**ИХТИО́Л,** [< юн. ichthys моҳӣ + oleum равған]. Моеъи сурхи баланд, ки дар таркибаш кибрит (*сулфур*) дорад; аз ҷинсҳои кӯҳие, ки дорои боқимондаҳои моҳӣ ва дигар ҳайвоноти баҳрӣ мебошанд, ҳосил мешавад.

**ИХТИОЛО́ГИЯ,** [< юн. ichthys моҳӣ + …*логия*]. Моҳишиносӣ; соҳаи зоология, ки моҳиҳоро меомӯзад.

**ИХТИО́РНИС,** [< юн. ichthys моҳӣ + ornis парранда]. *пал*. Як навъ парандае, ки дар давраи бӯр зиндагӣ кардааст; сутунмуҳрааш ба сутунмуҳраи моҳӣ монанд буд ва номаш аз ҳамин ҷост.

**ИХТИОТОКСИКО́З,** [< юн. ichthys моҳӣ + *токсикоз*]. Заҳролудшавӣ аз моҳии заҳрнок ё вайроншуда.

**ИХТИОФА́ГҲО,** [< юн. ichthys моҳӣ + phagos хӯранда]. *зоол*. Ҳайвоноти моҳихӯр.

**ИХТИОФА́УНА,** [< юн. ichthys моҳӣ + ...*фауна*]. *зоол.* Маҷмуи моҳиҳои ягон ҳавзаи об, минтақаи зоогеографӣ ё ягон давраи таърихи Замин.

**ИХТИОФТИРИО́З,** [< юн. ichthys моҳӣ]. Бемории сироятии моҳӣ, ки барангезандагони он *инфузорияҳо* мебошанд.

**ИШЕМИ́Я,** [< юн. ischo таъхир мекунам + haima хун]. *тиб.* Камхунии ҷузъӣ, бо хун кам таъмин шудани ягон қисми бадан.

**ИШЕМӢ,** [< *ишемия*]. *тиб.* Бемории ишемии дил – бемории дилу рагҳо, ки дар натиҷаи норасоии хуни мушаки дил – миокард, *атеросклерози* шараёнҳои иклилии дил ба вуҷуд меояд.

**ИШИА́С,** [< юн. ischion сурин]. *тиб.* Иркуннисо; илтиҳоби асаби (*невралгияи*) сурин; *радикулит* низ гӯянд.

**ИЮ́Л (ИЮ́ЛЬ),** [лот. Julius]. Моҳи 7-уми соли тақвимӣ (аз номи подшоҳи Рим Юлий Сезар).

**ИЮ́Н (ИЮ́НЬ),** [лот. Junius]. Моҳи 6-уми соли тақвимӣ (аз номи олиҳаи афсонавии Рими қадим Юнона).

# Й

**ЙОГ**, [< санск.]. Пайрави *йога*.

**ЙО́ГА**, [< санск.]. Қисми таркибии таълимоти фалсафӣ-динии Ҳиндустони қадим ва асрҳои миёна; воситаи худшиносӣ ва аз риштаҳои мавҷудияти моддӣ озод шудани инсон бо роҳи идоракунии рӯҳ ва равандҳои физиологии организм; маҷмуи машқу тамринҳое, ки дар одам қобилияти пурра идора кардани ҳолати рӯҳӣ ва физиологии организмро ба вуҷуд меорад.

**ЙО́ГУРТ,** [англ. yoghurt < турк]. Як навъ маҳсулоти ширии ҷурғотмонанд, ки ба он ширaи мева, *шоколад, какао*, бактерияҳои махсус ҳамроҳ карда мешавад.

**ЙОД,** [< юн. iodes бунафш]. *хим*. Элементи химиявӣ аз гурӯҳи *галогенҳо*, ки дар тиб, суратгарӣ ва техника истифода мешавад; *иод* низ гӯянд.

**ЙОДИ́ДҲО,** *[< юн. iodes бунафш]. хим.* Пайвастҳои химиявии *йод* бо дигар элементҳо; *иодидҳо* низ гӯянд.

**ЙО́ДЛЕР,** [ол. Iodler]. Ниг. *йодл*.

**ЙОДЛ (ЙОДЛЬ),** [ол. Jodel]. Жанри сурудҳои халқии мардуми олмонизабони кӯҳистони Алп, инчунин тарзи иҷрои сурудҳои ҳамин жанр (бо овози баланди ҷарангосӣ).

**ЙОДОФО́РМ,** [фр. iodoforme]. *тиб*. Доруи *йод* (кристаллҳои зарди тундбӯй), ки дар тиб чун воситаи безарарагардонӣ истифода мешавад.

**ЙО-ЙО**, [англ. yo-yo]. Бозича дар шакли тӯбчаи ба ресмони резинӣ басташуда.

**ЙО́МЕНҲО,** [англ. yeoman]. *таър*. **1**. Дар Англияи асрҳои 14 -18 – деҳқононе, ки дар заминҳои меросии худ мустақилона кор мекарданд. **2**. Гвардияи Англия – танпаноҳҳои шоҳ. **3**. Дастаҳои фидоиёни савораи Англия, ки аз *дворянҳо* ва заминдорон иборат буд.

**ЙОРКШИ́Р,** [англ. yorkshire]. Зоти хукҳои зудраси сергӯшт ва сернасл; дар графии Йоркшири Англия ба вуҷуд оварда шудааст ва номаш аз ҳамин ҷост.

**ЙО́ТА,** [< юн. қад.]. Ҳарфи 9-уми алифбои юнонӣ (**I**, **ι**).

# К

**КАБАЛЙЕ́РО (КАБАЛЬЕ́РО)**, [исп. caballero]. Дар Испания – муроҷиати боэҳтиромона ба мард, ки ба «ҷаноб»-и тоҷикӣ мувофиқ меояд. ‖ Мқс. идалго.

**КАБА́ННА,** [лот. cabanne]. *тиб*. Бемории асаби VII (ҳафтум), ки дар натиҷаи адами модарзодии ядрои асаби мазкур пайдо мешавад.

**КАБАРГА́,** [олтой]. *зоол*. Оҳуи Хутан; оҳуи мушкин; ҳайвони ҷуфтсум аз зергурӯҳи кавшакунандаҳо; дарозии баданаш то 1 м; дар шиками наринааш ғадуди махсусе ҳаст, ки мушк ҷудо менамояд; дар бешаҳои кӯҳии Осиё зиндагӣ мекунад.

**КАБАРЕ́,** [фр. cabaret]. Тарабхонаи хурд ё қаҳвахонае, ки дар он барномаҳои эстрадӣ намоиш дода мешаванд.

**КА́БЕЛ (КА́БЕЛЬ),** [< ҳол. kabel таноби лангар]. Сими ғафс ё таноби аз якчанд сим тофташуда, ки рӯяш бо пардаи муҳофизаткунанда пӯшонда шудааст; барои гузарондани хатҳои зериобӣ, зеризаминӣ ё ҳавоии электр, телефон, телеграф, мавҷгири (*антеннаи*) телевизион, радио ва ғ. истифода мешавад.

**КА́БЕЛТОВ (КА́БЕЛЬТОВ),** [ҳол. kabeltouw]. **1**. Воҳиди дарозӣ дар баҳрнавардӣ, ки ба 0,1 *мили* баҳрӣ ё ба 185,2 м баробар аст. **2**. Таноби ғафси канабии ба тарзи

махсус бофташуда, ки барои ядак кардан ё баста мондани киштиҳо истифода мешавад.

**КАБЕРНЕ́,** [фр. cabernet]. Як навъ майи сурхи ангурӣ.

**КАБИ́НА,** [фр. cabine]. Хоначае, ки бо мақсади муайян ҷиҳозонида шудааст, мас., К.-и рононда, К.-и телефон, К.-и овоздиҳии махфӣ.

**КАБИНЕ́Т,** [фр. cabinet]. **1**. Ҳуҷра барои ягон намуди кор, машғулият ё фаъолият, мас., К.-и директор, К.-и физика, К.-и духтур. **2**. Девони вазирон ё умуман номи ҳукумат дар баъзе мамлакатҳо.

**КАБЛОГРА́ММА,** [< фр. cable кабел + *грамма*]. Барқияе (телеграммае), ки бо сими зериобӣ фиристода мешавад.

**КАБОШО́Н,** [фр. cabochon]. Санги қиматбаҳои суфта кардашудаи як тарафаш ё ҳарду тарафаш барҷаста.

**КАБРИОЛЕ́Т,** [фр. cabriolet]. **1**. Фойтуни дучархаи якаспа. **2**. Мошини сабукрави болокушода.

**КАБУ́КИ,** [яп. kabuki]. Яке аз намудҳои театри классикӣ дар Япония, ки асоси фаъолияти онро рақсу мусиқӣ ташкил медиҳад.

**КАВАЛЕ́Р,** [< фр. cavalier савора]. **1**. Унвони дворянӣ дар Италия ва Испанияи асрҳои миёна. ‖ Мқс. идалго, ритсар. **2**. Дорандаи орден; шахсе, ки бо ягон орден мукофотонида шудааст. **3**. Марде, ки бо зан мерақсад, занро дар сайругашт ё дар базму зиёфатҳо ҳамроҳӣ мекунад. **4**. *маҷ*. Хушдор, ошиқ.

**КАВАЛЕРГА́РДҲО,** [< фр. cavalier савора + garde посбон]. *таър*. Дар Россияи подшоҳӣ – **1**. Дастаи посбонони фахрии императори рус ва аъзои оилаи он дар маросиму ҷашнҳои ботантана. ‖ Мқс. драбант. **2**. Аз с. 1800 то с. 1917 полки аспсавори гвардиягӣ, ки ҳайати афсарони он аз намояндагони аъёну ашрофи баландмартаба иборат буд.

**КАВАЛЕ́РИЯ,** [фр. cavalleria]. *ҳарб*. Лашкари аспсавор.

**КАВАЛЙЕ́Р (КАВАЛЬЕ́Р),** [фр. cavalier]. Хоктеппае, ки ҳангоми кандани канал, ҷӯй, ҳавз ва ғ. пайдо мешавад.

**КАВАЛЙЕ́РИЯ (КАВАЛЬЕ́РИЯ),** [исп. cavalieria]. Воҳиди майдон дар Амрикои Лотинӣ; дар ҳар мамлакат ҳар хел аст – аз 11,29 то 75,48 гектар.

**КАВАЛКА́ДА (КАВАЛЬКА́ДА),** [ит. cavalcata]. Гурӯҳи аспсаворон, ки якнафарӣ ё чанднафарӣ думболи ҳамдигар равонанд.

**КАВАСА́КИ**, [яп. kawasaki]. Киштии хурди бодбону муҳаррикдор, ки дар Шарқи Дур асосан барои моҳидорӣ истифода мешавад.

**КАВАТИ́НА,** [ит. cavatina]. *санъ*. *Арияи* кӯтоҳи лирикӣ дар *опера* ё *оратория*.

**КА́ВЕРЗА,** [< лот. caverna ғор]. **1**. Дом, қапқон. **2**. *мақ*. Ҳилаю найранг; шӯхии хунук.

**КАВЕ́РНА,** [< лот. caverna ғор, ковокӣ]. **1**. *тиб*. Кавора; ковокие, ки дар узв баъди вайрон шудани бофтаҳои он пайдо мешавад, мас. К.-и шуш дар натиҷаи беморӣи сил. **2**. *геол*. Ковокӣ, фазои холӣ дар ҷинси кӯҳӣ.

**КАВЕРНИ́Т,** [< лот. caverna ғор, ковокӣ]. *тиб*. Газаки ҷисми исфанҷии олати таносули мард.

**КАВЕРНОЗИ́Т,** [< лот. caverna ғор, ковокӣ]. Ниг. *кавернит*.

**КАВЕРНО́МА,** [< лот. caverna ғор, ковокӣ]. *тиб*. Омоси дарунковоки рагҳо.

**КАВЕРНОМЕ́ТРИЯ,** [< лот. caverna ғор, ковокӣ + …*метрия*]. Бо ёрии асбоби махсус муайян кардани вобастагии диаметри чоҳ аз чуқурии он.

**К-АВИТАМИНО́З,** [лот. K-avitaminosis]. *тиб*. Нарасидани витамини «К».

**КАВИТА́ТСИЯ (КАВИТА́ЦИЯ),** [< лот. cavitas ковокӣ]. Дар моеъ пайдо шудани ҳубобчаҳои дорои газ ё буғ дар натиҷаи паст шудани фишори даруни моеъ.

**КАГА́Л,** [< яҳ. қад. kahal ҷамъомад, маҷлис]. **1**. *таър*. Қабилаи яҳудиён дар Аврупои Шарқӣ ва низоми худидоракунии ин қабила дар асрҳои 13-19. **2**. *мақ*. Тӯдаи одамони пурғавғо; ғалоғӯла, мағал.

**КАГО́Р,** [аз номи ш. Каор (Фаронса)]. Як хел майи ширин, ки аз ангури сурх тайёр карда мешавад.

**КАГУЛЯ́Р,** [< фр. cagoule як хел *плаши* сарпӯшдор, ки барои чашму даҳон сӯрохӣ дорад]. *таър*. Узви ташкилоти махфии фашистӣ, ки солҳои 30-юми асри 20 дар Фаронса амал мекард.

**КАДА́НС,** [< фр. cadense]. Ниг. *каденсия*.

**КАДА́СТР,** [< фр. cadastre]. **1**. Дар замони атиқа – рӯихати одамон ва объектҳои андозбандишуда. **2**. *ҳуқ*. Маҷмуи маълумоти муназзам оид ба ягон объект, мас. К.-и замин, К.-и ҷангал.

**КАДЕ́НСИЯ (КАДЕ́НЦИЯ)[1],** [< фр. cadens анҷом]. *мус*. **1**. Фуроварди хушоҳанги асари мусиқӣ. **2**. Бо ягон асбоби мусиқӣ моҳирона иҷро кардани оҳанге бо ҳамовозии оркестр.

**КАДЕ́НСИЯ (КАДЕ́НЦИЯ)[2],** [< фр. cadens анҷом]. Муҳлати дар сари ҳокимият будани мақоми иҷроия, мас., К.-и ҳукумат.

**КАДЕ́Т[1],** [< фр. cadet]. **1**. Дар Фаронса ва Пруссияи феодалӣ – дворянини ҷавоне, ки то афсар шуданаш чун аскари қаторӣ хизмат мекард. **2**. Дар Россияи подшоҳӣ ва баъзе мамлакатҳои диг. – талабаи корпуси кадетӣ – омӯзишгоҳи пӯшидаи ҳарбӣ барои бачагон, асосан писарони дворянҳо ва афсарон.

**КАДЕ́Т[2],** [< фр. cadet]. *сиёс*. Узви ҳизби буржуазии конститутсионию демократии Россия дар солҳои 1905-1917.

**КА́ДМИЙ,** [< лот. Cadmium]. *хим.* Элементи химиявӣ – металли нарми сафеди нуқратоб; рамзаш Cd; ҳангоми коркарди минералҳои мис, сурб, руҳ ҳосил мешавад.

**КАДР[1],** [фр. cadre]. Порчаи алоҳидаи навори кино ё телевизион.

**КАДР[2],** [фр. cadre]. *гуфт.* Корманд, коргар.

**КАЗАКИ́Н,** [ит. cassacchino]. Камзӯли мардонаи гиребонаш рост ва миёнаш чиндор.

**КАЗА́КҲО**, [турк.]. **1**. Гурӯҳи этникӣ дар ҳайати халқҳои рус, украин ва баъзе халқҳои дигар. **2**. Хизматчиёни ҳарбии қӯшунҳои казакӣ дар Россияи подшоҳӣ, СССР, Федератсияи Россия.

**КАЗАНО́ВА,** [аз номи нависанда ва дипломати италиёвӣ Ҷованни Казанова (1725-1798)]. *маҷ.* Марди занакабоз; марде, ки кӯшиш мекунад занҳои бисёреро ба доми худ дарорад.

**КАЗА́РМА,** [ит. caserma]. **1**. Биное, ки дар он ҳайати шахсии қисмҳои ҳарбӣ истиқомат мекунад. **2**. Дар Россияи подшоҳӣ – хобгоҳи умумии коргарон.

**КАЗАЧО́К,** [< *казакҳо*]. Дар Россияи подшоҳӣ – хизматгорбачаи ҳавлии *помешикҳои* рус ва украин.

**КАЗЕИ́Н,** [< лот. caseus панир]. Сафедаи мураккаб, ки ҳангоми турш шудани шир ҳосил мешавад; барои тайёр кардани творог, панир, дар саноати сабук бошад, барои тайёр кардани пластмасса, ширеш, лок ва ғ. истифода мебаранд.

**КАЗЕМА́Т,** [фр. casemate]. **1**. *ҳарб.* Истеҳкоми ҳарбӣ барои панаҳшавӣ аз тири тӯп, гузоштани пулемёту тӯпҳо, нигоҳ доштани лавозимоти ҳарбӣ ва ғ. || Мқс. блиндаж, блокгауз. **2**. Дар киштиҳои ҳарбии қадима – қӯрхона; ҳуҷраи зиреҳпӯш барои гузоштани тӯпҳо. **3**. *таър.* Дар Россияи подшоҳӣ – зиндон дар қалъа барои маҳбусони сиёсӣ.

**КАЗИНО́,** [< ит. casino хонача]. Қиморхона; бино барои қиморбозӣ, ки дорои тарабхона ва эстрада мебошад.

**КАЗУА́Р,** [фр. casoar < мал.]. *зоол.* Парандаи калони шутурмурғмонанде, ки дар ҷангалҳои Австралия, Гвинеяи Нав ва галаҷазираҳои Малай зиндагӣ мекунад; қадаш то 1,8 м.

**КА́ЗУС,** [лот. casus]. **1**. Ҳодиса ё ҳолати чигил, ғайриодӣ ва хандаовар. **2**. *ҳуқ.* Парвандаи мураккабу чигил. **3**. *ҳуқ.* Кирдор ё амали тасодуфие, ки зоҳиран ба ҳуқуқвайронкунӣ монанд аст, вале дар он аломатҳои гуноҳ вуҷуд надоранд, бинобар ин ба содиркунандаи он ҷазо дода намешавад.

**КА́ЗУС БЕ́ЛЛИ,** [лот. casus belli]. Баҳонаи сохта барои эълон кардани ҷанг.

**КА́ЗУС ФЕ́ДЕРИС,** [лот. casus foederis]. Яке аз шартҳои шартномаи байналмилалӣ, ки мувофиқи он давлати дар ин шартнома иштироккунанда бояд амалҳоеро иҷро

намояд, ки бо шартномаи мазкур пешбинӣ шудаанд, мас., ба хотири ҷонибдории давлати иттифоқчӣ ба ҷанг ҳамроҳ шавад.

**КАИНИ́Т,** [< юн. kainos нав]. *маъд.* Як навъ минерал – сулфати обии магний ва калий, ки дар саноати химия ва истеҳсоли нуриҳои минералӣ истифода мешавад.

**КА́ЙЗЕР,** [< лот. caesar сезар, подшоҳ]. Қайсар; номи императорҳои империяи муқаддаси Рим (962-1806) ва империяи Олмон (1871-1918).

**КАЙЛА́, КАЙЛО́,** [ол. Keil]. Зоғнӯл, метин; олати кӯҳканӣ.

**КАЙМА́Н,** [исп. caiman < ҳинд. Ам.]. *зоол.* Хазандае аз оилаи тимсоҳҳо (*аллигаторҳо*), ки дар Амрикои Марказӣ ва Ҷанубӣ зиндагӣ мекунад; дарозиаш то 6 м. || Мқс. гавиал.

**КАЙМИНШО́У,** [хит.]. Дар асотири хитоиёни қадим – ҷонвари палангмонанди нуҳсара, ки гӯё дарвозаи осмонро барои тулуи офтоб мекушодааст.

**КАЙНОЗО́Й,** [< юн. kainos нав + zoe ҳаёт]. *геол.* Қабати болоӣ ва аз ҳама ҷавонтарини қишри замин ва давраи навтарини таърихи геологии Замин, ки 66 млн сол пеш оғоз ёфта, то имрӯз идома дорад. || Мқс. мезозой, палеозой.

**КАЙНОФО́БИЯ,** [лот. cainophobia]. *тиб.* Навтарсӣ, навигаритарсӣ; тарс аз вазъият ва чизҳои нав.

**КАКАДУ́,** [англ. cockatoo < мал. kakatoa]. *зоол.* Як навъ тӯтии тоҷдор; дарозиаш то 1 м; дар ҷангалҳои Австралия, Гвинеяи Нав ва галаҷазираҳои Малай зиндагӣ мекунад.

**КАКА́О,** [исп. cacao]. **1**. *бот.* Дарахти ҳамешасабзи тропикӣ; баландиаш то 8 м; аз тухми он равған ва *шоколад* истеҳсол мекунанд. **2**. Хокае, ки аз тухми ҳамин дарахт тайёр карда мешавад; дар саноати қаннодӣ истифода мебаранд. **3**. Нӯшокие, ки аз хокаи тухми К., об ё шир тайёр карда мешавад.

**КАКАПО́,** [исп. cacapo]. *зоол.* Парандае аз оилаи нимтӯтиҳо; дарозиаш то 0,6 м; парвоз намекунад, ба бум монандӣ дорад.

**КАКОГРА́ФИЯ,** [< юн. kakos бад + *…графия*]. **1**. Матне, ки қасдан бо ғалатҳо навишта шудааст. **2**. Яке аз усулҳои таълим – ба талаба барои ислоҳ кардан матне дода мешавад, ки қасдан бо хатоҳо навишта шудааст.

**КАКОНИХИ́Я,** [лот. caconychia]. Бадшаклии нохунҳо.

**КАКОХОЛИ́Я,** [лот. cacocholia]. *тиб.* Бадшавии таркиби талха (сафро).

**КАКОФО́НИЯ,** [< юн. kakos бад + *…фония*]. Овози нофорам ва ноҷӯри мусиқӣ ё суруд.

**КА́КТУС,** [юн. kaktos]. *бот.* Гули ханҷарӣ; растании тропикии бисёрсола, ки баргҳои пурхори ғафсу мулоим ва гулҳои зебо дорад (зиёда аз 3000 намуд); меваи баъзе намудҳои К. хӯрданбоб аст.

**КА́ЛА,** [ҳинд. қад.]. Дар дини ҳиндуия – худои вақт.

**КАЛАМБУ́Р,** [фр. calembour]. Базла, аския; таҷнис.

**КАЛАМИ́Н,** [лот. calamina]. *маъд.* Минерале аз гурӯҳи силикатҳои ҷазиравӣ, силикати обии руҳ; аз К. руҳ ҳосил мекунанд.

**КАЛА́НДР,** [фр. calandre]. Мошини наварддор барои суфта кардану ҷило додани коғаз, матоъ ва ғ.

**КАЛАНХО́Э, КАЛАНХОЕ́,** [лот. kalanchoe < хит.]. *бот.* Растании тропикие, ки баъзе намудҳои онро чун растании ороишии хонагӣ парвариш мекунанд; шираи баргҳои онро барои муолиҷаи захмҳо ва газаки чашм истифода мебаранд.

**КАЛАЧА́КРА,** [< санск. чархи гардун]. Дар дини буддоӣ – таълимот дар бораи гардон будани вақт, ваҳдати ногусастании инсон ва олам.

**КА́ЛЕВАЛА,** [фин. Kalevala]. Достони халқи карелу фин дар бораи корнамоию саргузаштҳои қаҳрамонони мамлакати афсонавии Калева.

**КАЛЕЙДОСКО́П,** [< юн. kalos зебо + eidos намуд, манзара+ skopeo мебинам]. **1**. Бозичаи найчашакл, ки аз се оиначаи дарозрӯяи муқобили якдигар гузошташуда ва шишарезаҳои гуногунранг иборат аст; ҳангоми тоб додани он дар дарунаш ҳар хел нақшу нигори ранга намудор мешавад. **2**. *маҷ.* Тағйирёбии босуръат ва бетартибонаи ҳодисаҳо, ҳолатҳо, шахсҳо ва ғ.

**КАЛЕНДА́Р (КАЛЕНДА́РЬ),** [< лот. calendarium дафтари қарз]. **1**. Тақвим; солнома; усули ҳисоб кардани рӯзҳо ва моҳҳои сол, ки ба гардиши даврии ҷирмҳои осмонӣ асос ёфтааст; К.-и григорианӣ – тақвими имрӯзаи мо, ки с. 1582 Папаи Рим Григории XIII ҷорӣ намудааст. **2**. Нашрияи чопӣ дар шакли плакат ё китобча, ки рӯихати ҳамаи рӯзҳои солро дар бар мегирад; дар он одатан рӯзҳои истироҳат, ид ва дигар санаҳои таърихӣ нишон дода мешаванд.

**КАЛЕ́НДУЛА,** [лот. Calendula]. *бот.* Растании субтропикӣ аз оилаи мураккабгулҳо, ки дар соҳилҳои бахр мерӯяд; гулҳои зарди норинҷӣ дорад (зиёда аз 20 намуд); аз К. марҳами табобатӣ тайёр мекунанд.

**КАЛЕ́НДҲО,** [лот. Calendae]. Дар Рими Қадим – номи рӯзи якуми ҳар моҳ.

**КАЛИ́БР,** [фр. calibre]. **1**. Диаметри мили аслиҳаи оташфишон, тир ё *снаряд*, ки бо *дюйм* ё миллиметр ифода карда мешавад. **2**. Вазни бомбаи авиатсионӣ, ки бо килограмм ифода карда мешавад. **3**. Асбоби андозагирӣ барои чен кардани андоза, шакл ва ҳаҷми маснуот. **4**. Ғафсии сим ва тунука. **5**. *маҷ.* Мартабаи ягон кас; андоза, шакл, намуд, сифати ягон чиз.

**КАЛИБРА́ТОР,** [< *калибр* + пасв. -атор]. **1**. *тех.* Асбоб барои аниқ ҷӯр кардан, санҷидан ва муайян намудани нуқсонҳои олоти андозагирӣ. **2**. *тиб.* Асбоб барои васеъ кардани тангиҳои пешоброҳа.

**КАЛИГА́ТСИЯ (КАЛИГА́ЦИЯ),** [лот. caligatio]. *тиб.* Хира шудани қарния, булӯрак ё ҷисми зуҷоҷӣ.

**КАЛИ́ЗМ,** [лот. kalismus]. *тиб*. Заҳролудшавӣ аз *калий.*

**КА́ЛИЙ,** [лот. Kalium < ар.]. *хим.* Элементи химиявӣ, рамзаш K; металли нуқраранги сефедтоб, нарм, зудгудоз; намакҳои онро чун нурӣ истифода мебаранд.

**КАЛИ́НА,** [< рус.]. *бот.* Растании буттагӣ аз оилаи бушолҳо, ки меваи сурхи талх дорад.

**КАЛИПЕНИ́Я,** [лот. kalipenia]. *тиб*. Нарасидани калий дар организм.

**КАЛИФО́РНИЙ,** [< лот. Californium]. *хим*. Элементи химиявӣ аз оилаи *актиноидҳо*, металли радиоактивӣ; рамзаш Cf; бори аввал дар иёлоти Калифорнияи ИМА кашф карда шудааст ва номаш аз ҳамин ҷост.

**КАЛИЮ́ГА,** [< ҳинд. қад.]. Дар дини ҳиндуия – давраи чоруми инкишофи башарият – давраи «тира, пургуноҳ ва пуразоб», ки то имрӯз идома дорад.

**КА́ЛЛА,** [лот. Calla]. *бот.* Растании заҳрноки бисёрсола аз оилаи *ароидҳо*, ки дар ботлоқҳо ва соҳили кӯлу ҷӯйҳо мерӯяд.

**КАЛЛАНЕ́ТИК,** [англ. callanetic]. Яке аз намудҳои *аэробика* – маҷмуи машқҳо (зери мусиқии сабуки мавзун) барои тақвияти мушакҳо ва чолоку харобшавӣ.

**КАЛЛИ́ГРАФ,** [< *каллиграфия*]. Хаттот; шахси хушхат, хушнавис.

**КАЛЛИГРА́ФИЯ,** [< юн. kalligraphia хати зебо]. Санъати хушнависӣ, хаттотӣ.

**КАЛЛИО́ПА,** [юн. Kalliope]. Дар асотири юнониёни қадим – яке аз 9 олиҳа, духтари Зевс ва Мнемосина, ҳомии достон (*эпос*) ва илм. || Мқс. Евтерпа, Урания.

**КАЛЛИСТО́,** [юн. Kallisto]. **1**. Дар асотири юнониёни қадим – духтари Ликаон, маъшуқаи Зевс; мувофиқи ривоят, Зевс ӯро ба бурҷи Дубби Акбар табдил додаст. **2**. *астр*. Радифи Муштарӣ, қутраш 4800 км; с. 1610 Галилео Галилей кашф кардааст.

**КА́ЛЛЮС, КА́ЛЛУС,** [< лот. callus пӯсти ғафс, қубла]. **1**. *бот.* Ғуррии танаи растанӣ дар ҷои захмдоршудаи он. **2**. *тиб*. Обилаи устухон.

**КАЛОМЕ́Л (КАЛОМЕ́ЛЬ),** [< юн. kalos зебо + melas сиёҳ]. *хим*. Хлориди симоби яквалента, ки аз гарм кардани омехтаи симоби хлордор ва симоби металдор ҳосил мешавад; аз К. электродҳои галванӣ, инчунин доруҳои талхарон ва зидди микроб тайёр мекунанд.

**КАЛОРИ...,** [< лот. calor гармӣ]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки гармиро ифода мекунад, мас., *калорифер*.

**КАЛОРИ́МЕТР,** [*калори*... + ...*метр*]. Асбоб барои муайян кардани миқдори гармие, ки ҳангоми ягон амалиёти физикӣ, химиявӣ ё биологӣ хориҷ мешавад ё фурӯ бурда мешавад.

**КАЛОРИМЕ́ТРИЯ,** [*калори*... + ...*метрия*]. **1.** Маҷмуи усулҳои андозагирии миқдори гармие, ки ҳангоми ягон амалиёти физикӣ, химиявӣ ё биологӣ хориҷ мешавад ё

фурӯ бурда мешавад. **2**. *биол.* Усулҳои чен кардани миқдори гармие, ки организм дар рафти фаъолияти ҳаётӣ дар фосилаи муайяни вақт хориҷ мекунад.

**КАЛОРИ́ФЕР,** [*калори…* + fero мебарам]. Таҷҳизот барои гарм кардани хонаҳо ба воситаи ғулбаҳои оби ҷӯш, буғ ё ҳавои гарм.

**КАЛО́РИЯ,** [< лот. calor гармӣ]. Воҳиди миқдори гармӣ, ки ба 4,1868 *ҷоул* баробар аст (бо кал ифода карда мешавад).

**КАЛОРИЯНОКӢ,** [< лот. calor гармӣ]. **1**. Қобилияти гармидиҳии сӯзишворӣ – миқдори гармие, ки дар натиҷаи сӯзиши як килограмм сӯзишвории сахт ё як метрии мукааб гази сӯзанда ҳосил мешавад (пештар бо калория ифода мешуд, ҳоло – бо *ҷоул*). **2**. К.-и хӯрокворӣ – миқдори энергияи бо килоҷоул ё бо килокалория ифодашаванда, ки дар натиҷаи туршшавии 100 г маҳсулоти хӯрокӣ дар организм ҳосил мешавад.

**КАЛӮШ,** [фр. galoches < лот. calor гармӣ]. Пойафзоли резинӣ, ки аз болои мӯза, *ботинка*, маҳсӣ мепӯшанд.

**КАЛВАДО́С (КАЛЬВАДО́С),** [фр. calvados < номи вилоят дар Фаронса]. Шароби себӣ.

**КАЛВИНИ́ЗМ (КАЛЬВИНИ́ЗМ),** [аз номи рӯҳонии швейтсарӣ Жан Калвин (1509-1564)]. Яке аз ҷараёнҳои *протестантизм*, ки дар асри 16 аз *католисизм* ҷудо шуда буд; сурудхониҳои динӣ, афрӯхтани шамъ дар калисо, иконапарастиро рад менамуд; ба манфиати буржуазияи ҳамонвақта хизмат мекард; ҳоло дар ИМА, Англия ва баъзе мамлакатҳои диг. паҳн шудааст.

**КАЛДА́РИЙ (КАЛЬДА́РИЙ),** [лот. caldaria]. Гармоба, ҳаммом дар аҳди атиқа.

**КАЛДЕ́РА (КАЛЬДЕ́РА),** [< исп. calgera деги калон]. *геол.* Чуқурии калони дегмонанд, ки дар натиҷаи фурӯравии қуллаи вулқон ё таркиши газҳо пайдо мешавад.

**КА́ЛКА (КА́ЛЬКА),** [фр. calque]. **1**. Коғази шаффофи аълосифат ё матои тунук барои нусхабардории нақшҳо. **2**. Нақши бо ҳамин роҳ нусхабардоришуда. **3**. *збш.* Айнан, ҳарф ба ҳарф тарҷума кардани калимаҳо, мас., интернатсионал – байналмилал.

**КАЛКУЛЯ́ТОР (КАЛЬКУЛЯ́ТОР),** [< *калкулятсия*]. **1**. Мутахассиси *калкулятсия*. **2**. Асбоби электронӣ барои ҳисоб. || Мқс. арифмометр.

**КАЛКУЛЯ́ТСИЯ (КАЛЬКУЛЯ́ЦИЯ),** [< лот. calculatio ҳисоб кардан]. Ҳисоб кардани арзиши аслии воҳиди маҳсулот ё кори иҷрошуда ва нархгузорӣ ба онҳо.

**КАЛМА́Р (КАЛЬМА́Р),** [фр. calmar]. Моллюски каллапойи баҳрӣ аз гурӯҳи даҳпойҳо; дарозии баданаш аз 2 см то 5 м (тақр. 300 намуд); баъзе намудҳои К. хӯрданбобанд. || Мқс. спрут.

**КА́ЛПА (КА́ЛЬПА),** [ҳинд. қад.]. Дар дини ҳиндуия – фосилаи вақте, ки ба 8640 000 000 сол баробар аст (яъне як шаборӯзи худои офаридгор Браҳма); баъди ба

поён расидани ин муҳлат «рӯз»-и Браҳма ба охир мерасад ва коинот бо тамоми худоҳо нобуд мешавад; баъди ба поён расидани К. Браҳма аз нав тавлид шуда, оламро аз нав месозад.

**КАЛСЕФИ́ЛҲО (КАЛЬЦЕФИ́ЛҲО),** [< лот. calx оҳак + юн. phileo дӯст медорам]. *бот.* Растаниҳое, ки бештар дар заминҳои сероҳак (серишқор) мерӯянд, мас., *лиственнитсаи* аврупоӣ.

**КАЛСЕФО́БҲО (КАЛЬЦЕФО́БҲО),** [< лот. calx оҳак + юн. phobos тарс]. *бот.* Растаниҳое, ки заминҳои сероҳак (серишқор)-ро дӯст намедоранд.

**КА́ЛСИЙ (КА́ЛЬЦИЙ),** [< лот. calx оҳак]. *хим.* Элементи химиявӣ, рамзаш Ca; металли сафеди нуқратоб; аз пайвастҳои он (оҳак, семент, мармар, гаҷ ва ғ.) дар сохтмон истифода мебаранд; аз К. доруҳои гуногун тайёр мекунанд.

**КАЛСИ́НА (КАЛЬЦИ́НА),** [< *калсий*]. Хӯлаи қалъагӣ бо сурб.

**КАЛСИНО́З (КАЛЬЦИНО́З),** [< *калсий*]. *тиб.* Таҳшиншавии намакҳои калсий дар бофтаҳо.

**КАЛСИПЕНИ́Я (КАЛЬЦИПЕНИ́Я),** [лот. calsipenia]. *тиб.* Нарасидани *калсий* дар бофтаҳо.

**КАЛСИ́Т (КАЛЬЦИ́Т),** [< *калсий*]. *маъд.* Оҳакшпат – карбонати калсий, ки аз омехтаҳои оҳан, магний ва марганетс иборат аст; дар сохтмон ба сифати масолеҳи ороишӣ хизмат мекунад.

**КАЛСИТЕРАПИ́Я (КАЛЬЦИТЕРАПИ́Я),** [< *калсий* + *терапия*]. *тиб.* Муолиҷа бо намакҳои *калсий.*

**КАЛСИТОНИ́Н (КАЛЬЦИТОНИ́Н),** [< *калсий*]. Гормони ғадуди сипаршакл.

**КАЛСИФЕРО́ЛҲО (КАЛЬЦИФЕРО́ЛҲО),** [< *калсий*]. Витаминҳои ҳалкунандаи чарбу, ки барои инкишофи устухонҳо заруранд; дар организм мубодилаи калсий ва фосфорро танзим менамоянд; К. дар панир, маска, зардии тухм, ҷигар ва моҳӣ вуҷуд доранд.

**КАЛСИФИ́Р (КАЛЬЦИФИ́Р),** [< *калсий*]. *маъд.* Ҷинси кӯҳии таносухӣ (*метаморфӣ*), ки аз калсит, *доломит* ва минералҳои силикатӣ иборат мебошад.

**КАЛСО́НИ (КАЛЬСО́НЫ),** [< ит. calzoni шим]. Эзори тагпӯши мардона.

**КА́МА,** [ҳинд. қад.]. Дар дини ҳиндуия – худои ишқи шаҳвонӣ.

**КАМАМБЕ́Р,** [фр. camembert]. Як навъ панири газакбоб. || Мқс. бакштейн.

**КАМАРИ́ЛЯ (КАМАРИ́ЛЬЯ),** [исп. camarilla]. Гурӯҳи одамони дарбор ё атрофиёни мансабдори олимақом, ки ба манфиати шахсии худ кор мекунанд ва бо макру дасисабозӣ ба корҳои давлат таъсир мерасонанд.

**КА́МБАЛА,** [фин. kambala]. *зоол.* Моҳии сайдбоби баҳрӣ, ки дар қаъри об зиндагӣ мекунад; танаи пачақ дорад; дарозиаш аз 7 см то 5 м.

**КА́МБИО,** [< ит. cambio саррофӣ]. *мол.* Хати қарз, ҳуҷҷати қарз, *вексел.*

**КАМБИ́СТ,** [< ит. cambista сарроф]. *мол.* Шахсе, ки бо амалиёти векселӣ ва хариду фурӯши тангаҳои хориҷӣ машғул аст.

**КАМБУ́З,** [ҳол. kombuis]. Ошхонаи киштӣ, матбахи киштӣ.

**КАМЕ́Д (КАМЕ́ДЬ),** [юн. kommidion]. Шилм (самғ)-и дарахт, ки аз он асосан ширеш тайёр мекунанд; *гумми* низ гӯянд.

**КАМЕ́ЛИЯ,** [фр. camelia]. *бот.* Растании ҳамешасабз аз оилаи чойгулҳо, ки дар минтақаҳои тропикӣ ва субтропикии Осиё мерӯяд; баъзе намудҳои онро барои тайёр кардани чой истифода мебаранд.

**КАМЕ́НА,** [лот. Camena]. Дар асотири римиёни қадим – олиҳаи санъат ва илм.

**КА́МЕРА,** [< лот. camera хона, хазина]. **1**. Хонаи алоҳидае, ки барои ягон мақсади мушаххас таъйин шудааст, мас., К.-и маҳбас, К.-и нигаҳдории ашё. **2**. Фазои холии пӯшида дар ягон мошин, таҷҳизот, асбоб, мас., К.-и муҳаррики дарунсӯз, К.-и яхдон. **3**. Қисми дохилии резинии чархи нақлиёт, тӯб ва ғ., ки бо ҳаво пур карда мешавад. **4**. Дастгоҳи иборат аз варақҳои сурбӣ барои истеҳсоли кислотаи сулфат. **5**. *гуфт.* Дастгоҳи суратгирӣ (*фотокамера*) ва наворбардорӣ (*видеокамера, кинокамера*). **6**. *кӯҳна.* Парламент, палатаи намояндагон.

**КАМЕРАЛИ́СТИКА,** [< *камера*]. *таър.* Силсилаи фанҳои маъмурию иқтисодӣ, ки дар асрҳои 17-18 дар донишгоҳҳои Аврупо дарс дода мешуданд (барои тайёр кардани мансабдорони дарборӣ ва давлатӣ).

**КАМЕРАЛӢ,** [< *камера*]. Илмҳои К.- ниг. *камералистика*; корҳои К.- коркарди илмии мавод ва маълумоте, ки дар рафти корҳои саҳроӣ (геологӣ, топографӣ ва ғ.) ба даст оварда шудаанд.

**КА́МЕРА-ОБСКУ́РА,** [< лот. camera obscura хонаи торик]. Асбоби қуттишакл, ки дар девори пешаш сӯрохи хурде дорад ва аз он шуои рӯшноӣ гузашта, дар девори муқобил ашёро чаппа акс мекунад.

**КАМЕРГЕ́Р,** [< ол. Kammerherr соҳибхона, кадхудо, хонахудо]. *таър.* Унвони дарборӣ дар Россияи подшоҳӣ ва баъзе давлатҳои монархӣ.

**КАМЕРДИ́НЕР,** [< ол. Kammerdiener хизматгори хона]. *таър.* Маҳрам; хизматгори хонаи аъёну ашроф.

**КАМЕРИ́СТКА,** [ит. camerista < лот. camera хона]. *таър.* Хизматгорзани дарбор ё хонум.

**КАМЕРӢ,** [< *камера*]. **1**. Мансуб ба *камера*; камерадор, аз камераҳо иборатбуда. **2**. Мусиқии К. – мусиқие, ки дар толори на чандон калон бо якчанд овоз ё бо якчанд асбоби мусиқӣ иҷро карда мешавад. **3**. Санъати К. – санъати

ғайриоммавӣ; санъате, ки онро доираи танги мухлисон мефаҳманд ва қадрдонӣ мекунанд.

**КА́МЕР-КОЛЛЕ́ГИЯ,** [ол. Kammerkollegium]. *таър.* Дар замони феодализм – муассисае, ки ба даромадҳои молию пулии подшоҳ ё давлат мутасаддӣ буд.

**КА́МЕР-ЛАКЕ́Й,** [ол. Kammerlackei]. *таър.* Хизматгори калони дарбор. || Мқс. камердинер.

**КАМЕРЛЕ́НГО,** [лот. camerlengo]. Мудири дарбори *папа*; ба молу мулк ва даромадҳои папа назорат мекунад, баъди фавти папа бошад, муваққатан (то интихоби папаи нав) сардори коллегияи *кардиналҳо* мегардад.

**КАМЕРТО́Н,** [ол. Kammerton]. Асбоби душохаи пӯлодин, ки ҳангоми ба ягон ҷисми сахт задан садо мебарорад; барои ҷӯр кардани асбоби мусиқӣ ё оҳанги суруд истифода мешавад.

**КА́МЕР-ФРЕ́ЙЛИНА,** [ол. Kammerfraulein]. *таър.* Дар Россияи подшоҳӣ – унвони дарбории духтарони амалдорони олимақом.

**КА́МЕР-Ю́НКЕР,** [ол. Kammerjunker]. *таър.* Унвони хурди дарборӣ дар Россияи подшоҳӣ ва дигар давлатҳои монархӣ.

**КАМЗӮЛ,** [фр. camisole]. Либоси мардона ё занонаи одатан беостин, ки аз таги либоси рӯй мепӯшанд.

**КАМИЗА́Р,** [фр. camisard]. *таър.* Иштирокчии шӯриши зиддифеодалии деҳқонон дар ҷануби Фаронса (ибтидои асри 18).

**КАМИКА́ДЗЕ,** [яп. шамоли илоҳӣ]. **1**. Ҳавонаварди фидоии японӣ дар давраи ҷанги дуюми ҷаҳон, ки ҳангоми ҳамла кардан ба киштию ҳавопаймоҳои душман якҷоя бо ҳавопаймои худ ҳалок мешуд. **2**. *маҷ.* Шаҳид; одаме, ки ҳангоми иҷрои ягон вазифа дидаю дониста ҷони худро қурбон мекунад.

**КАМИЛА́ВКА,** [юн. kamelauka < kamelos шутур]. **1**. Кулоҳи махсуси силиндршакли рӯҳониёни православӣ. **2**. Кулоҳи роҳибон дар мамлакатҳои Шарқи Наздик, ки пештар аз пӯсти шутур дӯхта мешуд ва номаш аз ҳамин ҷост.

**КАМИ́Н,** [< юн. kaminos оташдон]. Оташдони деворӣи дудкашдор барои гарм кардани хона.

**КА́МИНГ-АУТ,** [< англ. coming out баромадан аз анҷомхона]. Ошкоро эътироф намудани мансубияти худ ба ақаллияти ҷинсӣ ё гендерӣ.

**КАМЛО́Т,** [фр. camelot]. Матои ғафс аз пашми бузи ангорӣ, ки барои дӯхтани либоси рӯй истифода мешавад.

**КАМО́РРА,** [ит. camorra]. *таър.* Ташкилоти махфии унсурҳои ҷинояткор дар ҷануби Италия (асрҳои 18 – 19) – пешгузаштагони мафияи муташаккили имрӯза.

**КАМПАНЕ́ЛЛА,** [< ит. campanella зангӯла]. *мус.* Пйесаи мусиқӣ дар тақлиди садои зангӯла.

**КАМПАНИ́ЛА,** [ит. campanila]. *меъм.* Дар санъати меъмории асрҳои миёна ва давраи Эҳёи Италия – ноқусхонаи чорпаҳлӯ ва баъзан манорашакл, ки одатан дар шафати маъбад сохта мешуд.

**КАМПА́НИЯ[1],** [лот. campania]. Вилояти маъмурии таърихӣ ва муосир дар қисми ғарбии Италия (марказаш Неапол).

**КАМПА́НИЯ[2],** [фр. campagne]. **1**. Маҷмуи амалиёти ҷангӣ дар давраи муайян ва дар мавзеи муайян. **2**. Давраи шинои киштӣ ё амалиёти ҳарбии *флот*. **3**. Маърака; чорабинӣ барои иҷрои ин ё он вазифаи муҳими ҷамъиятӣ, сиёсӣ ё хоҷагӣ. **4**. *тех.* давраи кори бефосилаи одамон, иншоот, таҷҳизот, механизм ва ғ.

**КАМПИЛОБАКТЕРИО́З,** [лот. campylobacteriosis]. **1**. *тиб.* Бемории сироятӣ, ки бо аломатҳои зарар ёфтани роҳи меъдаю рӯдаҳо падид меояд; манбаи ангезандаҳои беморӣ ҳайвоноти гуногун – гов, хук, гӯсфанд, парандаҳои хонагӣ, сагу гурба ва ғ. мебошанд. **2**. *байт.* Бемории бактериявии гову гӯсфандон, ки боиси бачапартоии онҳо мегардад; *вибоиоз* низ гӯянд.

**КА́МПУС,** [англ. campus]. Дар ИМА ва баъзе мамлакатҳои дигар – ҳудуди таворадори донишгоҳ, коллеҷ, мактаб, ки дар он биноҳои таълимӣ, майдончаҳои варзишӣ ва иншооти дигар ҷойгир шудаанд.

**КАМРА́Д,** [исп. camarada < лот. camera хона]. *кӯҳна.* **1**. Ҳамҳуҷра; шахсе, ки бо одамони дигар дар як хона зиндагӣ мекунад. **2**. Рафиқ, ҳамкор, ҳамхизмат.

**КАМСА́,** [рус.]. *зоол.* Як навъ моҳии хурди баҳрӣ.

**КАМУФЛЕ́Т,** [фр. camouflet]. **1**. Таркиши зеризаминии мина, тири тӯп, бомба, ки баъди он чуқурӣ пайдо намешавад. **2**. *маҷ.* Нобарории ғайричашмдошт; ногаҳон чатоқ шуда мондани кор.

**КАМУФЛЯ́Ж,** [фр. camouflage]. **1**. Бо ранг холдор ё рах-рах кардани асбобу аслиҳа ва иншооти ҳарбӣ, киштиҳо ва ғ. бо мақсади ба назар намоён нашудани онҳо. **2**. *гуфт.* Либоси алобулои сабз ё хокранги ҳарбиён. **3**. *биол.* Қобилияти ранги ашёи атрофро ба худ гирифтани баъзе ҳайвонҳо.

**КА́МФАРА, КА́МФОРА,** [лот. camphora < ар. кофур]. Моддаи беранги кристаллии бӯйнок, ки аз дарахти кофур ва бо усули синтетикӣ аз *скипидар* ҳосил карда мешавад; аз К. доруҳои зиддисептикӣ, таскиндиҳандаи дард, беҳтаркунандаи фаъолияти асаб тайёр мекунанд.

**КАНА́Б,** [лот. cannabis]. *бот.* Бангдона; гиёҳи яксола аз оилаи тугмачагулҳо; аз танаю навдаҳояш – нах ва аз тухмаш равғани техникӣ мегиранд; *кенаф* низ гӯянд.

**КАНА́Л,** [< лот. canalis лӯла, нова]. **1**. Ҷӯйи калон ё наҳри сунъӣ, ки барои киштигардӣ (мас., К-и Суэтс), обёрӣ (мас., К-и Калони Ҳисор) сохта мешавад. **2**. Ҳама гуна фазои холии даруни ягон чиз, мас., қисми дохилии мили аслиҳаи

оташфишон. **3**. *анат*. Ковокии дарозу танге, ки бо он моддаҳои гуногун ҳаракат мекунанд, мас., К.-и пешоб. **4**. Хати алоқа, *коммуникатсия*, мас., К.-и телевизион, телеграф, телефон. **5**. *маҷ*. Роҳ, воситаи ба даст овардани ягон ҳадаф ё ҳалли ягон масъала, мас., К-и дипломатӣ.

**КАНАЛИЗА́ТСИЯ (КАНАЛИЗА́ЦИЯ),** [< лот. canalis лӯла, нова]. **1**. Маҷмуи иншооти муҳандисӣ ва қубуру корезҳо барои аз маҳалли истиқомат ва корхонаҳои саноатӣ дур партофтани обҳои ганда ва ифлосиҳо. **2**. Маҷмуи қубурҳои сафолӣ ё бетонии зеризаминӣ барои гузарондани симҳои телефон, телеграф ва ғ.

**КАНАПЕ́,** [фр. canape]. **1.** Як навъ *дивани* хурди лӯладор. **2**. Порчаи тунуки бирёндаи нон (*хлеб*) бо ягон хуриш, мас, ҳасиб, панир, гӯшт. || Мқс. бутерброд.

**КАНАРЕ́ЙКА,** [< исп. Canary]. *зоол*. Парандаи хурди хушхон аз оилаи фотимачумчуқҳо; пару болҳои зард дорад; ватанаш – ҷазираҳои Канар (номаш аз ҳамин ҷост).

**КАНА́Т,** [< рус.]. Арғамчини ғафс; таноб.

**КАНВА́,** [фр. canevad]. **1**. Матои пахтагии тӯрӣ барои кашидадӯзӣ (ироқидӯзӣ). **2**. *маҷ*. Асоси ягон чиз, ягон ҳодиса.

**КАНДЕ́ЛА,** [< лот. candela шамъ]. Воҳиди қувваи рӯшноӣ дар Системаи байналхалқии воҳидҳо (СИ).

**КАНДЕЛЯ́БР,** [< лот. candela шамъ]. **1**. Шамъдон барои якчанд шамъ. **2**. Қандили дорои якчанд чароғчаи электрӣ; чилчароғ.

**КАНДИДАМИКО́З, КАНДИДО́З,** [< лот. Candida + юн. mykes занбӯруғ]. Бемории занбӯруғии одам ва ҳайвон, ки ҳангоми он пӯст, луобпардаҳо, узвҳои дарунӣ иллат меёбанд.

**КАНДИДА́Т,** [< лот. candidatis сафедпӯш, сафедҷома; дар Рими Қадим шахсе, ки барои гирифтани ягон мансаби давлатӣ мубориза мебурд, либоси махсуси сафед – *тога* пӯшида мегашт]. Номзад; шахсе, ки ба ягон мансаб, узвияти ягон ташкилот, ҳизб ва ғ. пешбарӣ карда мешавад.

**КАНДИ́Л (КАНДИ́ЛЬ),** [< юн. kandilion чилчароғ, қандил]. Бодирингсеб; навъи себи дарозрӯяи хушбӯй.

**КА́НЕ КО́РСО,** [ит. Cane Corso]. Зоти саг, ки охирҳои асри 20 дар Италия ба вуҷуд оварда шудааст; зираку бақувват аст, аз монеаҳои баланд (то 3 м) ҷаҳида метавонад; барои посбонии хонаҳо, бонкҳо, мағозаҳо истифода мебаранд.

**КАНИ́СТРА,** [< лот. canistrum сабат]. Чова; чалаки на чандон калони даҳонаш зич маҳкамшаванда барои нигоҳ доштани ҳар гуна моеот. || Мқс. бак, фляга.

**КАНИТЕ́Л (КАНИТЕ́ЛЬ),** [фр. cannetille]. **1**. Калобатун; риштаи хеле борики металлӣ (одатан тиллоӣ ё нуқрагин) барои зардӯзӣ. **2**. *маҷ*. Кори кашолёфта ва дилгиркунанда.

**КАНИФО́Л (КАНИФО́ЛЬ),** [< юн. Kolophonia номи шаҳри қадимӣ дар Осиёи Сағир]. Навъи шилм, ки аз дарахти сӯзанбарг ҳосил мекунанд; дар истеҳсоли коғаз, каучуки синтетикӣ, резин, пластмасса, собун, пӯсти сунъӣ ва ғ., инчунин дар кафшергарӣ истифода мешавад.

**КАНКА́Н,** [фр. cancan]. Як навъ рақси эстрадии фаронсавӣ, ки ҳангоми он пойҳоро баланд мебардоранд (андозааш 2/4).

**КАНКРО́ИД,** [< лот. cancri саратон + юн. eidos намуд]. *тиб.* Саратони пӯст, ки суст инкишоф ёфта, ба сатҳи бофтаҳо паҳн мешавад.

**КАННА¹,** [< юн. най, қамиш]. *бот.* Карнайгул; растании бисёрсолаи тропикие, ки гулҳои калону зебо дорад.

**КАННА²,** [< афр.]. *зоол.* Ҳайвони ҷуфтсум аз ҷинси оҳуҳо, аз оилаи ковокшоххо; дарозии баданаш то 3,5 м, шоххояш то 1 м, вазнаш то 1 т.

**КАННАБИ́ЗМ,** [лот. cannabismus]. *тиб.* Бангзадагӣ; заҳролудии бардавом аз банг.

**КАННИБА́Л,** [фр. cannibale < исп. canibal]. **1**. Одамхӯр. || Мқс. антропофаг, зоофаг. **2**. *маҷ.* Одами хунхор, бераҳм, золим.

**КАННИБАЛИ́ЗМ,** [фр. cannibale < исп. canibal + пасв. -*изм*]. **1**. Одамхӯрӣ; *антропофагия* низ гӯянд. **2**. *биол.* Ҳамҷинси худро хӯрдани ҳайвонҳо бо сабаби аз ҳад зиёд шудани саршумор ва норасоии хӯрок. **3**. *маҷ.* Хунхорӣ, бераҳмӣ, золимии ваҳшиёна.

**КАННО́Н,** [< яп.]. Дар дини буддоии японҳо – худои шафқат ва накӯкорӣ, ки ба назди ҳар кас бо сару либос ва симои ӯ ҳозир мешавад, мас., ба назди роҳиб – дар симои роҳиб, ба назди зан – дар симои зан ва ғ.

**КАНО́Н,** [юн. kanon]. Ниг. *қонун.*

**КАНОНА́ДА,** [< фр. canon тӯп]. Тирпаррронии шадид якбора аз чандин тӯп.

**КАНОНЕ́РКА,** [фр. canoniere]. Киштии хурди зиреҳпӯши ҳарбӣ, ки бо тӯпҳо мусаллаҳ буда, барои ҷангҳои назди соҳил истифода мешавад.

**КАНОНИЗА́ТСИЯ (КАНОНИЗА́ЦИЯ),** [лот. canonisatio]. **1**. Ин ё он шахсро муқаддас эълон кардани калисо. **2**. *маҷ.* Қонунигардонӣ; қонунӣ, мувофиқи меъёр шумурдан.

**КАНО́НИК,** [< юн. kanon]. Дар калисоҳои католикӣ ва англиканӣ – узви *капитул* (шӯрои *епископҳо*).

**КАНОНИ́Р,** [< фр. canon тӯп]. Тӯпандоз, тӯпчӣ; сарбози қаторӣ дар артиллерияи Россияи подшоҳӣ.

**КАНО́ПА,** [< юн. Kanobos – номи шаҳр дар Мисри Қадим]. Дар Мисри Қадим – зарф барои нигоҳ доштани узвҳои дарунӣ ҳангоми мумиё молида, ҳунут кардани маит.

**КАНОТЙЕ́ (КАНОТЬЕ́),** [< фр. canotier заврақрон]. Кулоҳи хасини мардона ё занона, ки пештар (дар асри 19) одатан заврақронҳо мепӯшиданд (номаш аз ҳамин ҷост).

**КАНО́Э,** [англ. canoe]. **1**. Завраҷи хурди якбелаи танааш чармпӯши ҳиндуёни Амрикои Шимолӣ; аз ғӯлаи сахти ғафс тарошида мешуд. **2**. Завраҷи сабуки якбелаи варзишӣ.

**КАНТ¹,** [ол. Kante]. Шероза, ҳошия, лаблӯлаи либос; ҳошияи расм, ҷадвал. || Мқс. бордюр.

**КАНТ²,** [< лот. cantus сурудхонӣ]. Мадҳиясароӣ; сурудани мадҳияҳои динӣ.

**КАНТА́БИЛЕ,** [ит. cantabile]. Савти хушу мавзуни мусиқӣ.

**КАНТАЛУ́ПА,** [ит. cantalupp]. Навъи харбуза, ки бори аввал дар Канталупо ном шаҳри Италия парвариш карда буданд ва номаш аз ҳамин ҷост.

**КАНТА́ТА,** [ит. cantata]. **1**. Асари калони созию овозӣ барои хор ва оркестр. **2**. Суруди мутантани лирикӣ.

**КА́НТЕЛЕ,** [фин. kantele]. Асбоби мусиқии тордори карелу финҳо.

**КАНТИЛЕ́НА,** [< лот. cantus сурудхонӣ]. **1**. Оҳанги хуши латиф. **2**. Суруди кӯтоҳи лирикию эпикии халқҳои Аврупои Ғарбӣ.

**КАНТИ́Т,** [лот. canthitis]. *тиб*. Газаки гӯшаи чашм.

**КАНТО́Н,** [фр. canton]. **1**. Воҳиди федеративӣ дар Швейтсария. **2**. Воҳиди хурди маъмурию ҳудудӣ дар Белгия. **3**. Ҳавзаи интихоботӣ дар Фаронса.

**КАНТОНИ́СТҲО, КАНТОНЧИЁН,** [< ол. Kantonist сарбози навдаъват]. **1**. Дар Пруссияи асри 18 – сарбозоне, ки аз *кантонҳо* ба хизмат даъват карда мешуданд. **2**. Дар Россияи подшоҳӣ – писарони сарбозҳо, ки аз рӯзи таваллудашон ба идораи ҳарбӣ мансуб дониста мешуданд; онҳоро аз хурдӣ ба хизмати ҳарбӣ тайёр мекарданд.

**КА́НТОР,** [лот. cantor сароянда, сурудхон]. **1**. Дар *синагогаи* яҳудиён – сарояндаи асосии (сарнақши) сурудҳои динӣ. **2**. Сурудхони калисои католикӣ. **3**. Дирижёри хор, муаллими мусиқӣ, арғунуннавоз ва оҳангсози калисои протестантӣ дар Олмон.

**КА́НТРИ¹,** [< англ. country деҳотӣ]. Мусиқии халқӣ дар ИМА, ки ба анъанаҳои фолклории аввалин мустамликадоролни сафедпӯсти аврупоӣ асос ёфтааст.

**КА́НТРИ²,** [< англ. country деҳотӣ]. Сабке дар меъморӣ, ороиш, либос ва ғ., ки дар он унсурҳои фарҳанги мардумӣ бо унсурҳои фарҳанги муосир омезиш ёфтаанд.

**КА́НФАР,** [< юн. қад.]. Дар Юнони Қадим – кӯзаи гилини дудаста барои май.

**КАНСЕЛЯРИ́ЗМҲО (КАНЦЕЛЯРИ́ЗМҲО),** [< *канселярия*]. *збш.* Калимаҳо, ибораҳо, ҷумлаҳое, ки ба коргузории расмӣ хос мебошанд.

**КАНСЕЛЯРИ́СТ (КАНЦЕЛЯРИ́СТ),** [< *канселярия*]. *таър.* Дар Россияи подшоҳӣ – мансабдори хурди муассисаи давлатӣ, ки бо тайёр кардани ҳуҷҷатҳо машғул буд; дабир, мирзо, муншӣ.

**КАНСЕЛЯ́РИЯ (КАНЦЕЛЯ́РИЯ),** [лот. cancellaria]. **1**. Шуъбаи коргузории муассиса. **2**. *таър.* Номи баъзе муассисаҳои давлатӣ дар Россияи подшоҳӣ, мас. К.-и махфӣ.

**КА́НСЕР (КА́НЦЕР),** [лот. cancer]. *тиб.* Саратон; омоси бадфарҷом.

**КАНСЕРОГЕНЕ́З (КАНЦЕРОГЕНЕ́З),** [< лот. cancer + …*генез*]. *тиб.* Ҷараёни аз бофтаи солим пайдо шудан ва инкишоф ёфтани омоси бадфарҷом (саратон).

**КАНСЕРОГЕ́НҲО (КАНЦЕРОГЕ́НҲО),** [< лот. cancer + …*ген*]. *тиб., хим.* Моддаҳои химиявие, ки бо таъсири онҳо саратон ва омосҳои дигар пайдо мешаванд.

**КАНСЕРОФО́БИЯ (КАНЦЕРОФО́БИЯ),** [< лот. cancer + …*фобия*]. Саратонтарсӣ; тарсу ваҳми пайгир аз дучоршавӣ ба саратон.

**КА́НСЛЕР (КА́НЦЛЕР),** [ол. Kanzler]. **1**. *таър.* Дар асрҳои миёна – сардори *канселярия* ва бойгонии шоҳӣ, муҳрдор. **2**. *таър.* Дар Россияи подшоҳӣ – рутбаи олии гражданӣ (дараҷаи I), ки ба вазири корҳои хориҷӣ дода мешуд. **3**. Котиби шӯрои *кантонҳо* дар Швейтсария. **4**. Раиси *палатаи лордҳо* ва вазири молия дар Англия. **5**. Дар Олмон ва Австрия – сардори ҳукумат, сарвазир.

**КАНСО́НА (КАНЦО́НА),** [< ит. canzone суруд]. Шеъри лирикии ошиқона дар Италияи асрҳои миёна.

**КАНЧИ́ЛИ,** [< мал.]. *зоол.* Ҳайвони ҷуфтсум аз оилаи оҳуҳо; дар Осиёи ҷанубу шарқӣ зиндагӣ мекунад.

**КАНЙО́Н (КАНЬО́Н),** [исп. canon]. Дар Амрико – дара; оббурда; мавзеи тангу чуқур, ки дар қаъри он дарё ҷорист.

**КАНЙО́НИНГ (КАНЬО́НИНГ),** [англ. canyonning < исп. canon]. *варз.* Намуди варзиш: шахбароӣ; хазида баромадан ба танаи серсанги *канйонҳо.*

**КАНЮ́ЛЯ,** [фр. canule]. *тиб.* Найча барои муоина ё ворид намудани дору ба узвҳои дарунковок ва рагҳои хунгарди одам ва ҳайвонот. || Мқс. зонд, эндоскоп.

**КАОЛИ́Н,** [< хит. Kaoling – номи маҳал дар Хитой]. Гили чинӣ; гили сафед, ки таркибаш асосан аз минерали *каолинит* иборат аст; дар истеҳсоли чинӣ, *фаянс*, коғаз, маснуоти электротехникӣ, инчунин дар тиб, атторӣ ва кулолгарӣ ба кор меравад.

**КАОЛИНИ́Т,** [< *каолин*]. *маъд. Гидросиликати* алюминий; қисми таркибии он гил буда, дар шакли массаҳои хокамонанд дучор мешавад; дар кислотаҳо ҳал намешавад.

**КАОЛИНО́З,** [< *каолин*]. *тиб*. Бемории касбӣ (*силикатоз*), ки дар натиҷаи муддатҳои дароз нафас кашидан аз чангу ғубори гили сафед (*каолин*) пайдо мешавад.

**КАПЕ́ЛЛА[1],** [лот. capella]. Дар аввал хори ҳофизони калисо, баъдтар – умуман хор; а капелла – суруди хор бе ҷӯршавии асбобҳои мусиқӣ.

**КАПЕ́ЛЛА[2],** [лот. capella]. Калисои хурди католикӣ ва англиканӣ; калисочаи хонагӣ дар назди қасрҳо ва кӯшкҳо.

**КАПЕ́ЛЛА[3],** [лот. capella]. *астр*. Равшантарин ситора дар бурҷи Аробакаш.

**КАПЕЛЛА́Н,** [лот. capellanus]. **1**. Кашиши калисои хурди католикӣ ва англиканӣ; кашиши калисочаи хонагӣ дар назди қасрҳо ва кӯшкҳо. **2**. Ёвари кашиши католикӣ. **3**. Рӯҳонии артишӣ.

**КАПЕЛДИ́НЕР (КАПЕЛЬДИ́НЕР),** [ол. Kapelldiener]. *кӯҳна*. Корманди театр ё толори консерт, ки билетҳоро тафтиш ва тамошобинонро ҷо ба ҷо мекунад.

**КАПЕЛМЕ́ЙСТЕР (КАПЕЛЬМЕ́ЙСТЕР),** [ол. Kapellmeister]. **1**. Дар асрҳои 16 – 18 роҳбари хор, дастаҳои (*капеллаҳои*) созию овозӣ. **2**. Ҳоло – дирижёри оркестрҳои театрӣ, ҳарбӣ, симфонӣ.

**КА́ПЕЛНИТСА (КА́ПЕЛЬНИЦА),** [< рус. капать чакидан]. *тиб*. Доручаконак; чакрарез.

**КА́ПЕР,** [ҳол. kaper]. **1**. Роҳзани баҳрӣ. || Мқс. корсар, пират. **2**. Киштии роҳзан.

**КАПЕРӢ,** [ҳол. kaper]. Амалиёти каперӣ - **1**. Ҳуҷуми киштиҳои тиҷоратии мусаллаҳи хусусии давлати ҷангкунанда ба киштиҳои тиҷоратии душман ё мамлакати бетараф, ки барои давлати душман бор мекашонанд. **2**. Умуман, роҳзании ҳарбӣ.

**КАПИБА́Р,** [ҳинд.]. *зоол*. Хуки обӣ; ҳайвоне аз оилаи хояндаҳо; дарозии баданаш то 1,3 м, вазнаш то 60 кг (2 намуд).

**КАПИЛЛЯ́Р,** [< лот. capillaris мӯякӣ]. **1**. Найчаи сӯрохаш хеле хурд. **2**. *анат*. Мӯйраг, мӯраг; раги бориктарини мағзи ҳамаи бофтаҳои одаму ҳайвонот; К.-ҳои хун – бориктарин рагҳои хун, ки мубодилаи газу моддаҳои дигарро дар байни хуну бофтаҳо таъмин мекунанд ва хунро ба ҳуҷайраҳо бурда мерасонанд. || Мқс. артерия, вена.

**КАПИТА́Л,** [< лот. capitalis асосӣ]. **1**. Сармоя; сарвати даромадовар; сарвате, ки барои зиёдтар кардани худи он истифода бурда мешавад; дар сатҳи корхона – тамоми сарватҳои моддӣ ва пулҳое, ки дар истеҳсолот истифода мешаванд. **2**. Дар марксизм – арзише, ки ба воситаи истисмори коргари кироя арзиши изофаро ба вуҷуд меоварад. **3**. *гуфт*. Пули бисёр; сармояи калон; умуман пул.

**КАПИТАЛИЗА́ТСИЯ (КАПИТАЛИЗА́ЦИЯ),** [< *капитал*]. *мол*. Ба сармоя (*капитал*) табдил додани арзиши изофа.

**КАПИТАЛИ́ЗМ,** [< *капитал*]. Сармоядорӣ; сохти ҷамъиятӣ, ки ба моликияти хусусӣ, иқтисоди бозорӣ, соҳибкории озод ва истифодаи меҳнати кироя асос ёфтааст.

**КАПИТАЛӢ[1],** [< *капитал*]. Асосӣ, бунёдӣ, куллӣ, пурра, муҳимтарин; меҳнату сармояи бисёрро талабкунанда; таъмири К. – таъмири пурраи ягон чиз; сохтмони К. – сохтмони асосӣ, сохтмони объектҳои нави истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ, инчунин тавсеа ва таҷҳизи техникии ҳамин гуна объектҳои пештар вуҷуддошта.

**КАПИТАЛӢ[2],** [< лот. caput (capitis) сар]. *анат.* Ҳар узви дар сар ё дар назди сар воқеъшуда; баръакси *каудалӣ.*

**КАПИТА́Н,** [лот. capitaneus < caput (capitis) сар]. **1**. Рутбаи афсарӣ дар артиш ва флот, инчунин шахси дорои чунин рутба. ‖ Мқс. лейтенант, майор. **2**. Сардори (*командири*) киштӣ. **3**. Сардори дастаи варзишӣ, ки аз байни аъзои даста интихоб карда мешавад.

**КАПИТЕ́Л (КАПИТЕ́ЛЬ),** [< лот. capitellum сар]. **1**. *меъм.* Қуббаи сутун, сари сутун, боша; қисми болоии сутун ё *пилястра*, ки дар байни поя ва зершервонӣ меистад. **2**. Ҳарфҳои хурди матбаа, ки шаклан ба ҳарфҳои калон монанданд.

**КАПИТО́ЛИЙ,** [лот. Capitellum < лот. caput (capitis) сар]. **1**. *таър.* Теппае дар Рим, ки дар болои он қасрҳо, осорхонаҳо ва ғ. воқеъ шудаанд; замонҳои қадим дар ин ҷо ҳангоми сохтани маъбад гӯё аз зери замин сари напӯсидаи одам ёфт шудааст ва инро фоли нек – рамзи ҳукмронии ҷаҳонии Рим донистаанд. **2**. Бинои *конгресси* ИМА дар Вашингтон.

**КАПИ́ТУЛ,** [< лот. capitulum сар]. **1**. *таър.* Дар Россияи подшоҳӣ – идорае, ки бо додани унвону орденҳо машғул буд. **2**. Коллегияи рӯҳониён дар калисоҳои католикӣ ва англиканӣ.

**КАПИТУЛЯ́НТ,** [< лот. capitulo аҳд мекунам]. **1**. Шахсе, ки таслим мешавад ё моил ба таслимшавист. **2**. *маҷ.* Одами сустирода, ноустувор, тарсу.

**КАПИТУЛЯ́ТСИЯ (КАПИТУЛЯ́ЦИЯ),** [< лот. capitulo аҳд мекунам]. Таслим, таслимшавӣ; муқобилияти мусаллаҳонаро бас кардани яке аз тарафҳои ҷангкунанда ва шартҳои пешниҳоднамудаи тарафи ғолибро қабул кардани он.

**КАПЛУ́Н,** [ол. Kaplun]. Хурӯси ахта, ки барои гӯшт парвариш мекунанд.

**КАПО́К,** [< мал.]. Нахи пахтамонанд, ки аз баъзе дарахтҳои тропикӣ ҳосил мекунанд; барои пур кардани кӯрпаю болишт, тайёр кардани мебел ва мақсадҳои диг. истифода мешавад.

**КАПОНИ́Р,** [< исп. caponera қафас]. **1**. Иншооти мудофиавӣ барои ба ду тараф оташ кушодан. **2**. Паноҳгоҳи ҳавопаймоҳои ҳарбӣ.

**КА́ПОР,** [ҳол. kapor]. Як навъ кулоҳи бандакдори занона ва кӯдакона.

**КАПО́Т[1],** [фр. capote]. Яктаки занона.

**КАПО́Т²,** [фр. capote]. *тех.* Сарпӯши металлии механизмҳои гуногун, ки онҳоро аз чангу боришот муҳофизат мекунад, мас., К.-и мошин.

**КАПОТА́Ж,** [< фр. capoter]. Чаппа шудани ҳавопаймо ҳангоми аз замин хестан ё ба замин фуруд омадан.

**КА́ППА,** [юн. қад.]. Ҳарфи 10-уми алифбои юнонӣ (Κ, κ); агар дар болояш хатчаи амудӣ дошта бошад, адади 20, дар поёнаш чунин хатча дошта бошад, адади 20000-ро ифода мекард (дар замони қадим).

**КАПРА́Л,** [фр. caporal]. Рутбаи хурди ҳарбӣ дар баъзе мамлакатҳои хориҷӣ ва дар артиши рус дар асрҳои 17 – 19. || Мқс. вахмистр, поручик.

**КАПРИО́Л (КАПРИО́ЛЬ),** [фр. capriole]. Дар варзиши аспсаворӣ – хез задани асп дар ҷояш.

**КАПРИФО́Л (КАПРИФО́ЛЬ),** [лот. caprifolum]. *бот.* Буттаи печони ороишӣ аз оилаи бушолҳо, ки гулҳои зарду гулобии хушбӯй дорад.

**КАПРИ́С,** [фр. caprice]. Ниг. *каприччио.*

**КАПРИ́ЧЧИО, КАПРИ́ЧЧО,** [ит. capriccio]. *Пйесаи* мусиқии тарзи озод, ки хеле моҳирона, бо руҷуъ ва гардишҳои ғайричашмдошти муассир иҷро карда мешавад.

**КАПРО́Н,** [< лот. capronae қабзаи мӯй]. Нахи сунъӣ (*полиамидӣ*) ва матое, ки аз чунин нах бофта шудааст.

**КА́ПСЕЛ (КА́ПСЕЛЬ),** [ол. Kapsel]. Қуттии ба оташ тобовар, ки дар он маснуоти чинию сафолӣ пухта мешавад.

**КАПСИ́Д,** [< лот. capsa зарф]. Пардаи сафедагии *вирус*, ки кислотаи нуклеинии онро аз таъсири омилҳои берунӣ муҳофизат мекунад.

**КА́ПСУЛА,** [< лот. capsula қуттича]. **1**. Ғилофаки *желатинӣ* ё оҳарии (*крахмалии*) баъзе доруҳои бадбӯй ва бадхур ё доруҳое, ки луобпардаи даҳон, меъда ё рӯдаро озурда мекунанд. **2**. *анат.* Пардаи тунуки рӯи узвҳои организм, мас., К.-и булӯраки чашм. **3**. Қисми ҷудошавандаи киштии кайҳонӣ, ки ба сатҳи ҷирми осмонӣ расидааст.

**КА́ПСЮЛ (КА́ПСЮЛЬ),** [< лот. capsula қуттича]. Пистон; найчаи бо моддаҳои тарканда пур кардашуда барои оташ гирондани тири милтиқ, тӯп, мина ва ғ.

**КАПТА́Ж,** [фр. captage]. Кашф ва кашида баровардани нафт, газ ва обҳои минералӣ аз зери замин, инчунин иншооте, ки ба ҳамин мақсад сохта шудааст.

**КАПТА́Л,** [< лот. capitulum сар]. Тасмаи пахтагӣ ё абрешимӣ, ки бо ширеш ба қисми болоию поёнии ҷои шерозабандии муқоваи китоб часпонда мешавад; барои зебоию мустаҳкамии муқова хизмат мекунад.

**КАПТЕНА́РМУС,** [фр. capitaine d' armes капитани артиш]. Амалдори ҳарбӣ, ки барои нигоҳдорӣ ва додани аслиҳа, асбобу анҷом ва хӯроквории мутасаддӣ мебошад.

**КАПУ́Т,** [ол. Kaput]. *гуфт.* Марг, ҳалокат, фано.

**КАПУТСИ́Н (КАПУЦИ́Н),** [< лот. caputium капюшони нӯгтез]. **1**. Роҳиби католикӣ – узви *ордени* роҳибони қашшоқ, ки *плаши* капюшондор пӯшида мегашт ва номаш аз ҳамин ҷост. **2**. *зоол.* Як навъ маймуни бинипаҳни америкоӣ. **3**. *бот.* Настаран.

**КАПЮШО́Н,** [фр. capuchon]. Кулоҳе, ки ба ақиби гиребони либоси рӯй (*палто, плаш, куртка*) дӯхта шудааст.

**КАР¹,** [< англ. car аробача]. Аробачаи худгарди дорои муҳаррики дарунсӯз ё барқӣ барои боркашонӣ (одатан дар дохили корхонаҳои саноатӣ, анборҳо, вокзалҳо ва ғ.). || Мқс. автокар, электрокар.

**КАР²,** [ол. Kar]. Чуқурии табиии косашакл дар қисми болоии кӯҳ, ки бо таъсири пиряххо ё дар натиҷаи бодлесшавӣ пайдо шудааст; сирк (*цирк*) низ гӯянд.

**КАРАБИ́Н,** [фр. carabine]. **1**. Милтиқи сабуки кӯтоҳмил. **2**. Чангаки пружинадор барои бастан ба ҳалқаи камарбанди муҳофизатии васлгарон (монтажчиён), *парашют* ва м. инҳо.

**КАРАБИНЕ́Р,** [фр. carabinier]. **1**. Дар Аврупои ғарбӣ, инчунин дар Россияи асри 19 – аскари тирандози пиёда ё савора, ки бо *карабин* мусаллаҳ буд. **2**. *Жандарм* дар Италия, Чили ва мамлакаҳои диг.

**КАРАВЕ́ЛЛА,** [ит. caravella < исп. carabela киштӣ]. Киштии баҳрии бодбондори сесутуна ё чорсутуна дар асрҳои 13 – 17. || Мқс. бриг, бригантина, фрегат.

**КАРАИ́МҲО,** [яҳ. қад.]. Қароимҳо; пайравони мазҳабе дар дини яҳудӣ, ки танҳо ТаНаХ-ро китоби муқаддас дониста, Талмудро инкор мекарданд.

**КАРАМБО́ЛА**, [исп., фр. carambola]. Як навъ дарахти тропикӣ, ки меваaш зард, мулоим ва ширин буда, ҳангоми кӯндаланг буридан шакли ситораро мегирад.

**КАРАМБОЛИ́НА,** [< *карамбол*]. **1**. Як навъ билярдбозӣ бо 5 саққо. **2**. Саққои зарди билярд.

**КАРАМБО́Л (КАРАМБО́ЛЬ),** [< фр. carambole саққо]. **1**. Дар билярдбозӣ – зарба бо саққои худ ҳамзамон ба якчанд саққои бегона. **2**. Як навъ билярдбозӣ бо 3 саққо. **3**. Саққои сурхи *билярд*.

**КАРАМЕ́Л (КАРАМЕ́ЛЬ),** [фр. caramel]. **1**. Конфете, ки аз омехтаи қанд, қиёми крахмал, моддаҳои хушбӯйкунанда ва лаззатфизо тайёр карда мешавад. **2**. Қанди сӯхта барои рангубор додани маснуоти қаннодӣ.

**КАРАНТИ́Н,** [< фр. quarantaine чил рӯз, чилла]. **1**. Маҷмуи тадбирҳои санитарӣ барои пешгирӣ намудани паҳншавии бемориҳои сироятӣ ва барҳам додани манбаи онҳо; муваққатан ҷудо нигоҳ доштани шахсоне, ки бо гирифторони

бемориҳои гузаранда робита доштанд (мас., онҳоро парасторӣ мекарданд) ё шахсоне, ки ба чунин бемориҳо дучор шудаанд. ‖ Мқс. обсерватсия. **2**. Нуқтаи муоинаи санитарии одамон, ҳайвонот, нақлиёт ва молҳое, ки аз маҳалҳои ба эпидемия дучоршуда омадаанд. **3**. К а р а н т и н и р а с т а н ӣ – маҷмуи чорабиниҳои давлатӣ барои пешгирии ба мамлакат ворид шудани ҳашароти зараррасон, гиёҳҳои бегона ва бемориҳои хавфноки растанӣ.

**КАРАО́КЕ,** [< яп.оркестри бесоз]. Иҷро намудани сурудҳои маъмулӣ дар хона ё дар ҷойҳои барои ин махсус ҷиҳозонидашуда бо ҳамовозии мусиқии пешакӣ сабтшуда.

**КАРАСИ́Н,** [< рус. керосин < англ. kerosene < юн. keros мум]. Омехтаи карбогидридҳои моеъ, ки дар ҳарорати 200 – 300° С меҷӯшад; аз тақтири нафт ё *крекинги* маҳсулоти вазнини нафтӣ ҳосил мешавад; асосан чун сӯзишворӣ истифода мебаранд.

**КАРА́С (КАРА́СЬ),** [< рус.]. *зоол.* Як навъ моҳӣ аз ҷинси зағорамоҳиҳо, ки дар кӯлу ҳавзҳои серлойқа зиндагӣ мекунад.

**КАРА́Т,** [ит. carato < ар.]. **1**. Воҳиди қиёсии вазни сангҳои қиматбаҳо дар заргарӣ, ки ба 0,2 грамм баробар меояд. **2**. Ченаки миқдори тилло дар хӯлаҳо, ки ба 1/24 массаи хӯла баробар аст (К.-и британии тилло); тиллои холис дорои 24 карат аст.

**КАРАТЭ́, КАРАТЕ́,** [< яп. бо дасти холӣ]. **1**. Маҷмуи усулҳои худмуҳофизаткунии беяроқ дар Япония, ки ба зарбаҳои дасту пой ба ҷойҳои нозуки бадани ҳариф асос ёфтааст. **2**. Намуди муҳорибаи варзишӣ бо истифода аз ҳамин усулҳо.

**КАРАТЭ́БИКА, КАРАТЕ́БИКА**, [< *каратэ* + *аэробика*]. Маҷмуи машқҳои варзишие, ки аз унсурҳои *каратэ* ва *аэробика* иборатанд.

**КАРБАМА́ТҲО,** [< *карбамид*]. Эфири кислотаи ангишт; *уретанҳо* низ гӯянд.

**КАРБАМИ́Д,** [< лот. carbo ангишт]. *хим. Амиди* кислотаи ангишт; кристалли беранг, дар об ва спирт ҳал мешавад; онро аввалин маротиба химики фаронсавӣ И. Руэлл (1773) аз пешоб ҷудо кардааст; дар истеҳсоли нурӣ, доруҳои хобовар, зифти карбамидӣ ва м. инҳо истифода мешавад; *мочевина* (дурда) низ гӯянд.

**КАРБАНИО́НҲО,** [< лот. carbo ангишт + *анион*]. *хим.* Ионҳои пайвасти органикӣ, ки дорои атоми манфӣ заряднокшудаи карбон мебошанд.

**КАРБА́С,** [фин. karvas]. Завраҷи калони бодбону белдор.

**КАРБЕ́НҲО,** [< лот. carbo ангишт]. *хим.* Пайвастҳои химиявие, ки ду электрони ҷуфтнашуда ва як атоми карбон доранд.

**КАРБИ́Д,** [< лот. carbo ангишт + юн. eidos намуд]. *хим.* Пайвасти карбон бо элементҳои дигар; дар техника васеъ истифода мебаранд.

**КАРБКАТИО́НҲО,** [< лот. carbo ангишт + *катион*]. *хим.* Ионҳои пайвасти органикӣ, ки дорои атоми мусбат заряднокшудаи карбон мебошанд. ‖ Мқс. карбанионҳо.

**КАРБО...,** [< лот. carbo ангишт]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки бо ангишт ва пайвастҳои карбон робита доштанро ифода мекунад, мас., *карбогемоблобин*.

**КАРБО́ВАНЕТС (КАРБО́ВАНЕЦ),** [< укр.]. **1**. Номи украинии рубли СССР. **2**. Воҳили пули муваққатии Украина дар солҳои 1992 – 1996.

**КАРБОГЕМОГЛОБИ́Н,** [< *карбо...* + *гемоглобин.*]. *хим.* Пайвасти ноустувори *гемоглобин* ва ангидриди ангишт дар таркиби хун; барои ба шуш расондани кислотаи ангишт хизмат мекунад.

**КАРБОГЕ́Н,** [< *карбо...* + *...ген.*]. *хим.* Омехтаи 93 – 95-фоизаи оксиген ва гази ангидриди карбони 5 – 7- фоиза.

**КАРБОГИДРА́ТҲО,** [< *карбо...* + *гидрат*]. *хим.* Пайвастҳои органикии табиӣ, ки таркибу сохти химиявии онҳо бештар бо карбон ва об алоқамананд; барои ҳаёти инсон ва ҳайвоноту наботот хале заруранд; дар соҳаҳои хӯрокворӣ, коғазбарорӣ, бофандагӣ, тиб, микробиология истифода мебаранд.

**КАРБОГИДРИ́ДҲО,** [< *карбо...* + *гидроген*]. *хим.* Синфи пайвастҳои органикӣ, ки молекулаашон танҳо аз атомҳои карбон ва гидроген иборат аст; дар истеҳсоли маснуоти гуногуни химиявӣ ва сӯзишворӣ истифода мешавад.

**КАРБОКСИГЕМОГЛОБИ́Н,** [< *карбо...* + *оксиген* + *гемоглобин.*]. *хим.* Маҳсули пайвастшавии *монооксиди монокарбон* (яъне гази карбон) бо *гемоглобин*; ба бофтаҳо интиқол додани оксигенро душвор мегардонад.

**КАРБОКСИЛА́ЗА,** [< *карбо...* + *оксиген*]. *хим.* Ферменте, ки ангидриди карбонро аз *кетокислотаҳо* ҷудо (таҷзия) мекунад.

**КАРБОКСИЛӢ,** [< *карбо...* + *оксиген*]. *хим.* Гурӯҳи карбоксилӣ – гурӯҳи ферментҳое, ки ба таркиби кислотаҳои карбон дохил шуда, хусусиятҳои кислотагии онҳоро муайян мекунанд.

**КАРБОЛЕИ́Н,** [< *карбо...* + лот. oleum равған]. Як навъ сӯзишвории сунъӣ, ки аз омехтаи ангишти хока ва равғани сиёҳ тайёр мекунанд.

**КАРБОЛИ́Т,** [< *карбо...* + юн. litos санг]. *хим.* Яке аз номҳои қатрони *фенол-формалдегидӣ.*

**КАРБО́ЛКА,** [< лот. carbo ангишт]. *хим.* Моддаи беранге, ки аз қатрони ангишт ё аз бензол ҳосил мекунанд; асосан барои *дезинфексия* истифода мешавад; *фенол* низ гӯянд.

**КАРБО́Н¹,** [< лот. carbo ангишт]. *геол.* Давраи ангиштсанг; давраи панҷуми *палеозой*, ки тақр. 60 млн сол давом кардааст. || Мқс. девон, кембрий.

**КАРБО́Н²,** [< лот. carbo ангишт]. *хим.* Элементи химиявии гурӯҳи IV системаи даврии Менделеев, рамзаш C; дар ҳарорати баланд бо бисёр элементҳо пайваст мешавад; ба таркиби ангиштсанг, гази табиӣ, нафт ва ғ. дохил мешавад; дар организм элементи муҳимтарини биогенӣ буда, асоси ҳаётро ташкил медиҳад.

**КАРБОНА́ДО,** [< лот. carbo ангишт]. *маъд.* Минерал – алмоси сиёҳ; шакли *агрегатии* алмос, ки бо мақсадҳои техникӣ (парма кардани ҷинсҳои сахти кӯҳӣ, чоҳҳо, суфта кардани алмос ва м. инҳо) истифода мешавад.

**КАРБОНА́РИЙҲО,** [< ит. carbonari ангиштканон]. *таър.* Аъзои ҷамъияти махфии сиёсӣ, ки дар аввали асри 19 дар Италияи Ҷанубӣ ташкил шуда буд; К. бар зидди истилогарони хориҷӣ барои истиқлолияти миллӣ ва ягонагии Италия, барқарорсозии сохти конститутсионӣ мубориза мебурданд.

**КАРБОНА́Т,** [< лот. carbo ангишт]. *хим.* Намакҳои кислотаи ангишт (сода, ишқор ва ғ.); дар табиат дар шакли минералҳо дучор мешавад.

**КАРБОНАТИЗА́ТСИЯ (КАРБОНАТИЗА́ЦИЯ),** [< лот. carbo ангишт]. Дар ҷинсҳои кӯҳӣ пайдо шудани карбонатҳои оҳан, калсий, магний ва металлҳои диг.

**КАРБОНАТИ́ТҲО,** [< лот. carbo ангишт]. *маъд.* Ҷинсҳои кӯҳие, ки аз минералҳои карбонатӣ (асосан калсит, доломит, анкерит) таркиб ёфтаанд.

**КАРБОНИЗА́ТСИЯ (КАРБОНИЗА́ЦИЯ),** [< лот. carbo ангишт]. **1**. Ба ангишт табдил додан. **2**. Ба ягон маҳлул илова кардани гази карбонат. **3**. Соф кардани равғани ифлос бо роҳи гузарондани он аз байни ангишти чӯб. **4**. Аз омехтаҳои растанӣ тоза кардани пашм бо ёрии кислотаҳои минералӣ. **5**. Ба таври сунъӣ мустаҳкам намудани масолеҳи сохтмонии оҳакдор бо ёрии гази карбонат.

**КАРБОНИ́ЛҲО,** [< лот. carbo ангишт]. *хим.* Пайвастҳои заҳрноки сахт ва моеи металлҳо бо монооксили монокарбон (CO); барои ҳосил намудани металлҳои холис ва мақсадҳои диг. истифода мешаванд.

**КАРБОРА́НҲО,** [< *карбо…* + *бор*]. *хим.* Пайвастҳои органикие, ки дар молекулаашон 1 – 6 атоми бор ва 3 – 10 атоми карбон доранд.

**КАРБОРУ́НД,** [< *карбо…* + *корунд*]. *хим.* Пайвасти *кремний* бо карбон (*карбиди* кремний); моддаи кристаллии сабзтоб ё сиёҳтоб, ки барои тайёр кардани масолеҳи ба оташ тобовар ва маводи суфтагарӣ истифода мешавад.

**КАРБУ́НКУЛ,** [< лот. carbunculus ангиштпораи сӯзон]. **1**. *тиб.* Пучак; газаки фасодноки пӯст ва ғоз (*клетчатка*)-и зери пӯст, ки дар халтачаҳои мӯй ва ғадудҳои равған пайдо мешавад. || Мқс. абстсесс, флегмона, фурункул. **2**. *кӯҳна.* Санги қиматбаҳо – ёқути сурх.

**КАРБЮРА́ТОР,** [фр. carburateur]. *тех.* **1**. Ҷиҳозест, ки барои муҳаррики дарунсӯз аз сӯзишвории моеъ ва ҳаво омехтаи сӯзанда тайёр мекунад. **2**. Ниг. *карбюризатор.*

**КАРБЮРА́ТСИЯ (КАРБЮРА́ЦИЯ),** [фр. carburation]. Ҳосилшавии омехтаи сӯзанда аз сӯзишвории моеъ (мас., бензин) ва ҳаво.

**КА́РВИНГ¹**, [англ. carving]. Аз меваю сабзавот буридани ҳар хел *фигураҳо* бо мақсади оро додани миз.

**КА́РВИНГ²**, [англ. carving]. *варз.* Тарзи идора кардани лижа (ниг. *лижа*).

**КА́РГО,** [исп. cargo]. **1**. Бори киштӣ (бе нишон додани номи он). **2**. Суғурта кардани бори киштӣ.

**КА́РДА,** [фр. carbe]. Тасмаи резинӣ ё чармии сатҳаш сӯзандори дастгоҳи наддофӣ.

**КАРДАМО́Н,** [лот. cardamonum]. *бот.* Ҳел; растании бисёрсола аз оилаи занҷабилҳо; донаҳои он дар таом чун моддаи лаззатфизо, инчунин дар тиб истифода мешаванд.

**КАРДА́Н,** [ит. Cardano – аз номи математики италиявӣ Ҷ. Кардано (1501 1576)]. *тех.* **1**. Ҷиҳоз барои овезон нигоҳ доштани ягон ҷисм, ки ҳангоми алвонҷ хӯрдани такягоҳҳо (пояҳо) ноҷунбонии ҷисми овезонро таъмин мекунад. **2**. Навард дар воситаи нақлиёт, ки амали даврзаниро аз суръатқуттӣ ба чархҳо интиқол медиҳад.

**КА́РДЕР,** [англ. card корт]. Қаллобе, ки ба системаи бонкии ҳимояи пасандозҳо даромада, аз кортҳои кредитӣ пул медуздад.

**КАРДИАЛГИ́Я,** [< *кардио…* + юн. algos дард]. *тиб.* Дарди атрофи дил; бар хилофи *стенокардия* давомдор, сим-сим ё сихзананда аст; аломати бемории рагҳо, сактаи дил, стенокардия, *невроз* ва ғ. буда метавонад.

**КАРДИАСТЕНИ́Я,** [фр. cardiasthinia]. *тиб.* Дилсустӣ; сустии мушаку асабҳои дил.

**КАРДИГА́Н,** [фр. cardigan]. Як навъ камзӯли дарози бетугмаи занона.

**КАРДИНА́Л,** [< лот. cardinalis асосӣ, куллӣ]. **1**. Рутбаи олии динӣ дар калисои католикӣ (баъди Папаи Рим) ва шахсе, ки чунин рутба дорад; К.-ҳо наздиктарин ёварон ва маслиҳатгарони папа мебошанд; Папаи Рим аз байни К.-ҳо интихоб карда мешавад. **2**. *зоол.* Як навъ парандаи хушхони амрикоӣ аз оилаи гунҷишкҳо; дарозиаш то 20 см; парҳояш сурхи равшан – ҳамранги қабои кардиналҳо ва номаш аз ҳамин ҷост. **3**. *зоол.* Моҳии хурд аз оилаи капурҳо, дарозиаш то 4 см; дар *аквариум* парвариш карда мешавад.

**КАРДИНАЛӢ,** [< *кардинал*]. Асосӣ, куллӣ, муҳим, бунёдӣ.

**КАРДИО…,** [< юн. cardia дил]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки ба дил муносибат доштанро ифода мекунад, мас., *кардиограмма.*

**КАРДИОАЭРО́БИКА,** [лот. cardio aerobics]. *тиб., варз.* Аэробика (ниг. *аэробика*) барои беҳтар кардани дил, рагҳои хун ва узвҳои нафас.

**КАРДИОВАЛВУЛИ́Т (КАРДИОВАЛЬВУЛИ́Т),** [лот. cardiovalvulitis]. *тиб.* Варами сарпӯшҳои (*клапанҳои*) дил.

**КАРДИОВАСКУЛЯРӢ,** [лот. cardiovasculiaris]. *тиб.* Мансуб ба дилу рагҳо; дилурагӣ.

**КАРДИОГРА́ММА,** [< *кардио…* + *…грамма*]. *тиб.* Тасвири графикии ҳаракати қафаси сина ва кори дил дар коғаз, *кардиомонитор* ё *монитори* компютер. || Мқс. электрокардиограмма.

**КАРДИО́ГРАФ,** [< *кардио…* + юн. grapho менависам]. Асбоб барои тасвири графикии кашишхӯрии дил.

**КАРДИОГРА́ФИЯ,** [< *кардио…* + *…графия*]. *тиб.* Раванди тасвири графикии кашишхӯрии дил ба воситаи *кардиограф.*

**КАРДИОДЕМИ́Я,** [лот. cardiodemia]. *тиб.* Фарбеҳии дил; равған бастани дил.

**КАРДИОДИАГРА́ММА,** [< *кардио…* + *диаграмма*]. *тиб.* Тасвири графикии (*диаграммаи*) кори дил.

**КАРДИОДИЛАТА́ТОР,** [лот. cardiodilatator]. *тиб.* Асбоб барои васеъ кардани даромадгоҳи меъдаи дил дар мавриди тангшавии он.

**КАРДИО́ЛОГ,** [< *кардио…* + *…лог*]. Мутахассиси *кардиология*; қалбшинос; духтури дил.

**КАРДИОЛО́ГИЯ,** [< *кардио…* + *…логия*]. *тиб.* Яке аз соҳаҳои илми тиб, ки ба омӯзиши сохт ва вазифаҳои системаи дилу рагҳо, сабаб ва ҷараёни бемориҳои дил, дарёфти усулҳои муолиҷаю пешгирии онҳо машғул аст.

**КАРДИОМЕГА́ЛИЯ,** [лот. cardiomegalia]. *тиб.* Дилкалонӣ; аз андозаи муқаррарӣ калон шудани дил.

**КАРДИОМИОПА́ТИЯ,** [< *кардио…* + myos мушак + pathos беморӣ]. *тиб.* Номи умумии иллатҳои гуногуни дил, ки аломати асосии онҳо осеби ғайриилтиҳобии *миокард* мебошад.

**КАРДИОМОНИТО́Р,** [< *кардио…* + лот. monitor нозир]. *тиб.* Дастгоҳ барои назорати доимӣ (шаборӯзӣ) ба фаъолияти дил; дар экрани *остсиллограф* ё компютер электрокардиограммаро нишон дода, дар мавриди номураттаб гардидани кори дил бо сигнали махсус табибонро хабардор менамояд.

**КА́РДИОНЕВРО́З,** [< *кардио…* + *невроз*]. *тиб.* Ихтилоли рӯҳию ҷисмӣ, ки ҳангоми он фаъолияти дилу рагҳо табоҳ мегардад; бо ҳисси фишору тазйиқ ва дард дар тарафи дил, тез шудани таппиши дил, баланд шудани фишори хун ва аломатҳои диг. зоҳир мешавад.

**КАРДИОПА́МП,** [< *кардио…* + англ. pump насос]. *тиб.* Асбоби тиббие, ки қисми асосии он ба тӯби резинии нимбурида монанд аст; барои таъсиррасонӣ ба қафаси синаи бемор ҳангоми аз кор мондани дил ё марги клиникӣ истифода мешавад.

**КАРДИОПА́ТИЯ,** [< *кардио…* + *…патия*]. *тиб.* Номи умумии иллатҳои *миокард*, ки бо тарбод ва бемориҳои ишемиявии дил муносибате надоранд.

**КА́РДИОСКЛЕРО́З,** [< *кардио…* + *склероз*]. *тиб.* Склерози мушаки дил; дар мушаки дил инкишоф ёфтани бофтаи пайвасткунанда дар ҷои мавти торҳои *миокард*.

**КАРДИОСПА́ЗМ,** [< *кардио…* + *спазм*]. *тиб.* Ихтилоҷи даромадгоҳи меъда, ки дар натиҷаи ин ғизо аз сурхрӯда ба даромадгоҳи меъда бо душворӣ мегузарад; бо дард дар қафаси сина, дилбеҳузурӣ, қай ва оруғзанӣ зоҳир мегардад.

**КА́РДИОСТИМУЛЯТО́Р,** [< *кардио…* + *стимулятор*]. *тиб.* Асбоб барои беҳтар намудани кори дил; одатан дар тарафи чапи қафаси сина насб карда мешавад.

**КАРДИОТЕРАПИ́Я,** [лот. cardiotherapia]. *тиб.* Табобати бемориҳои дил.

**КАРДИОФО́БИЯ,** [< *кардио…* + *…фобия*]. *тиб.* Тарсу ваҳми пайгир аз дучоршавӣ ба бемории дил.

**КАРДРИ́ДЕР**, [англ. card reader < card корт + read хондан]. *инф.* Асбоб, ҷиҳоз барои хондани итттилооти рақамии ҳама гуна кортҳо. || Мқс. пин-код.

**КА́РДОКС,** [< *карбо…* + юн. eidos намуд + *оксиген*]. Таркиши беаланга бо ёрии ангидриди моеи карбон, ки дар *патрони* пӯлодин ҷой дода шудааст.

**КАРДХО́ЛДЕР**, [англ. cardholder]. Дорандаи корти бонк.

**КАРЕ́,** [фр. carre]. *ҳарб.* **1**. Дар шакли чоркунҷа саф кашидани аскарони пиёда барои аз ҳар тараф зада гардондани ҳуҷуми душман. **2**. Ҳар чизе, ки шакли чоркунҷа дошта бошад.

**КАРЕ́ТА,** [< лот. carrus ароба]. Аробаи чорчархаи болопӯшидаи дорои *рессор*.

**КАРЕ́ТКА,** [ит. carretta аробача]. *тех.* Қисми мошин ё дастгоҳ (мас., дастгоҳҳои металлбурӣ, бофандагӣ), ки ба воситаи *подшипникҳо* тоб мехӯрад.

**КАРЕ́ТТА,** [ит. carretta аробача]. *зоол.* Хазанда аз оилаи сангпуштҳои баҳрӣ; дарозиаш то 1м; дар баҳрҳои гарм зиндагӣ мекунад.

**КАРИА́М,** [ҳинд. Ам.]. *зоол.* Як навъ парандаи турнамонанд, ки дар Амрикои Ҷанубӣ зиндагӣ мекунад.

**КАРИАТИ́ДА,** [юн. karyatides]. *меъм.* Поя ё сутуни амудӣ дар шакли зане, ки шифти иморат, айвон, пештоқ, болор ва ғ.-ро бародошта меистад. || Мқс. атлант.

**КАРИ́БУ,** [ҳинд. Ам.]. *зоол.* Номи умумии гавазни ваҳшии шимолӣ.

**КА́РИЕС,** [< лот. caries ]. *тиб.* Пӯсиши дандон; хӯраи дандон; раванди газак пайдо кардани милк ва пӯсида сӯрох шудани дандонҳо.

**КАРИЙО́Н,** [фр. carrillon]. **1**. Маҷмуи зангӯлаҳои ҷӯркардашудаи гуногунҳаҷм, ки бо онҳо ба воситаи *клавиатураи* махсус ин ё он оҳанг навохта мешавад. **2**. *мус*. Пйесаи мусиқӣ дар тақлиди овози зангӯла.

**КАРИКАТУ́РА,** [ит. caricatura]. **1**. Жанри санъати тасвирӣ, яке аз шаклҳои маъмултарини ҳаҷв, ки асоси онро суратҳои графикии масхараомез ва хандаовар ташкил медиҳад. **2**. *маҷ*. Тақлиди хандаовар.

**КАРИО…,** [< юн. karyon чормағз, мағзи чормағз]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки ба *ядрои* ҳуҷайра нисбат доштанро ифода мекунад, мас., *кариология, кариоплазма*.

**КАРИОГА́МИЯ,** [< *карио…* + gamos изтивоҷ, ҷуфтшавӣ]. *биол.* Якҷояшавии *ядроҳои* ҳуҷайраҳои ҷинсии нарина ва модина дар ядрои *зигота* ҳангоми бордоршавӣ. || Мқс. плазмогамия.

**КАРИОГРА́ММА,** [< *карио…* + *…грамма*]. *тиб.* Тасвири графикии *кариотип* барои ташхиси баъзе бемориҳои хромосомӣ.

**КАРИОКИНЕ́З,** [< *карио…* + kinesis ҳаракат]. *биол.* Номи пештараи *митоз.*

**КАРИОЛО́ГИЯ,** [< *карио…* + *…логия*]. *биол.* Соҳаи ҳуҷайрашиносӣ (*ситология*), ки сохту вазифаҳои *ядрои* ҳуҷайра ва қисмҳои он (*хромосома*, мағча, пардаи ядро)-ро меомӯзад.

**КАРИОПЛА́ЗМА,** [< *карио…* + *…плазма*]. *биол.* Шираи ядро; *протоплазмаи* ядрои ҳуҷайраи ҳайвоноту наботот.

**КАРИО́ТА,** [< юн. karyon чормағз]. *бот.* Ҷинси нахл, ки дар минтақаҳои тропикӣ мерӯяд (12 намуд); аз шираи гулҳояш – май, аз мағзи чӯбаш – оҳар ва аз нахи баргҳояш ресмон тайёр мекунанд.

**КАРИОТИ́П,** [< *карио…* + *тип*]. *биол.* Маҷмуи хромосомаҳои ҳуҷайраи ин ё он намуди растанӣ ё ҳайвонот, ки шумораи хромосомаҳо, андоза, шакл ва хусусиятҳои сохти онҳоро тавсиф менамояд.

**КА́РИЯ,** [< юн. karyon чормағз]. *бот.* Ҷинси дарахт аз оилаи чормағзҳо, ки дар Амрикои Шимолӣ ва Хитой мерӯяд; баландиаш то 65 м мерасад (тақр. 20 намуд); чормағзаш хеле сerравған аст (70%); *гикори* низ гӯянд.

**КАРЙЕ́Р (КАРЬЕ́Р)[1],** [< ит. carriera давидан]. Чорхези асп; дави тезтарини асп.

**КАРЙЕ́Р (КАРЬЕ́Р)[2],** [< фр. carriere кони санг]. **1**. Кон, минерал; ҷои истихроҷи кушоди қабатҳои на чандон чуқури канданиҳои фоиданок (ангишт, рег ва м. инҳо). **2**. Корхонаи кӯҳкание, ки бо усули кушод аз рӯи замин ё аз қабатҳои на чандон чуқури замин маъдан истихроҷ мекунад. **3**. Чуқуриҳои калони рӯи замин, ки баъди кофта гирифтани сарватҳои табиӣ пайдо шудаанд.

**КАРЙЕ́РА (КАРЬЕ́РА),** [< ит. carriera давидан]. **1**. Пешравӣ дар мансаб; ҷоҳ; мартабаи баланд дар ҷомеа. **2**. Касб, пеша, намуди машғулият.

**КАРЙЕРИ́ЗМ (КАРЬЕРИ́ЗМ),** [< *карйера* + пасв. -изм]. Мансабталошӣ; ҷоҳталабӣ; кӯшиши ба мансаб соҳиб шудан бо мақсадҳои ғаразнок.

**КАРКА́С,** [ит. carcassa]. **1**. Қафаса, қолаб, чӯббаст, оҳанбаст, *скелети* маснуот, иморат, иншоот, ки аз унсурҳои ҷудогонаи бо якдигар васлшуда иборат аст; аз чӯб, металл, оҳану *бетон* месозанд. || Мқс. корпус, скелет (маънои 2). **2**. *бот.* Сангдарахт; ҷинси дарахт аз оилаи ларгҳо, ки чӯбаш сахту бадошт аст ва аз он ҳар хел асбоби мусиқӣ месозанд.

**КА́РЛИКҲО,** [исп. Car]. Паканаҳо; одамони хурдҷуссае, ки дар асотири аврупоиён баъзан бадкирдор ва баъзан неккирдору ҳунармандони чирадаст тасвир гардидаанд.

**КА́РМА,** [< ҳинд. қад., санск. karma амал, кирдор]. Дар динҳои ҳиндуия, буддоия ва ҷайния – амалҳои неку бади («дафтари аъмол»)-и мурдагон дар ҳамаи ҳаётҳои пешинаашон; аз рӯи ин амалҳо дар оянда ба ҷисми кӣ даромадани онҳо муайян карда мешавад.

**КАРМАЗИ́Н,** [ол. Karmesin < ар.]. Як навъ матои моҳутии сурх (қирмизӣ).

**КАРМАНЙО́ЛА (КАРМАНЬО́ЛА),** [< фр. carmagnole – аз номи ш. Карманйола дар Италия]. *таър*. **1**. Суруди замонҳои Инқилоби кабири Фаронса (1789 – 1799). ‖ Мқс. Марселйеза. **2**. Рақс дар ҳавои ҳамин суруд. **3**. Либоси якобиён (ниг. *якобиён*).

**КАРМЕЛИ́ТҲО,** [< лот. carmelite – аз номи кӯҳи Кармел дар Фаластин]. *таър*. *Ордени* роҳибии католикие, ки дар вақти ҷангҳои салибӣ (асри 12) дар Фаластин таъсис ёфта буд.

**КА́РНА,** [лот. Carna]. Дар асотири римиёни қадим – олиҳаи зеризаминӣ, ҳомии кӯдакон ва узвҳои дарунии инсон.

**КАРНАВА́Л,** [фр. carnaval < ит. calnevale]. Базми халқӣ дар зери осмони кушод; бо раҳпаймоӣ, рақсу суруд, бозиҳои гуногун, намоиши ниқобпӯшон гузаронда мешавад.

**КАРНАЛЛИ́Т,** [ол. Karnallit – аз номи геологи олмонӣ Р. фон Карнал]. *маъд*. Минерал, *хлориди* дучандаи обии калий ва магний, ки барои ҳосил кардани намаки калий, магний ва магнийи металлӣ истифода мешавад.

**КАРНЕО́Л,** [< англ. carnelian]. Ақиқ; як навъ санги нимқиматбаҳои сурх.

**КАРНИ́З,** [ит. cornice]. **1**. *меъм*. Нижвон; қоши иморат. **2**. Камари кӯҳ. **3**. Пардаовезаки болои тиреза.

**КАРНОЗА́ВР,** [< лот. carnis гӯшт + …*завр*]. *пал*. Динозаври дарандае, ки каллаи калону дандонҳои ханҷармонанд дошт (дарозиаш то 15 м); дар давраи *мезозой* зиндагӣ кардааст. ‖ Мқс. анкилозавр, бронтозавр.

**КАРНОТИ́Т,** [фр. carnotite – аз номи химики фаронсавӣ А. Карно (1839 – 1920)]. *маъд*. Минерал аз зерсинфи ванадатҳо – ванадати мураккаби обии калий ва уран; аз К. ванадий, радий ва уран ҳосил мекунанд.

**КАРОТА́Ж,** [фр. carottage]. *геол*. Таҳқиқи геофизикии ҷинсҳои кӯҳии даруни чоҳҳо бо мақсади омӯхтани қабатҳои геологӣ ва пайдо намудани сарватҳои зеризаминӣ; К. бо усулҳои электрикӣ, акустикӣ, магнитӣ, радиоактивӣ ва ғ. гузаронда мешавад.

**КАРОТИ́Н,** [< лот. carota сабзӣ]. Моддаи (*пигменти*) рангаш зарди норинҷӣ, ки дар таркиби ҳуҷайраҳои растанӣ, махсусан дар таркиби сабзӣ вуҷуд дорад; ба воситаи ғизо ба организм даромада, ба витамини А табдил меёбад.

**КАРПА́С,** [< яҳ. қад.]. Дар дини яҳудӣ – пораи пиёз ё картошкаи ҷӯшондашуда, ки шаби якуми писҳо ба оби шӯр тар карда мехӯранд.

**КАРПОЛО́ГИЯ,** [< юн. karpos мева + *...логия*]. *бот.* Илме, ки мева ва тухми растаниҳоро меомӯзад.

**КАРРАГЕ́Н,** [англ. carrageen]. Як навъ обсабзи баҳрӣ, ки дар саноати хӯрокворӣ, коғазбарорӣ ва бофандагӣ истифода мешавад.

**КАРСИНОЛО́ГИЯ (КАРЦИНОЛО́ГИЯ),** [< юн. karkinos харчанг + *...логия*]. *зоол.* Харчангшиносӣ; шуъбаи зоология, ки харчангҳо ва дигар ҷонварони харчангшаклро меомӯзад.

**КАРСИНО́МА (КАРЦИНО́МА),** [< юн. karkinos харчанг + *...ома*]. *тиб.* Саратон; омоси бадфарҷом, ки аз бофтаҳои *эпителӣ* пайдо шуда инкишоф меёбад.

**КАРСТ,** [ол. Karst]. *геол.* Ҳодисаест, ки дар натиҷаи дар об ҳал шудани ҷинсҳои кӯҳӣ (оҳаксанг, доломит, бӯр, гаҷ, намаксанг) ба амал меояд; К. шаклҳои махсуси релйефро ба вуҷуд меоварад – дар рӯи замин чуқурӣ, ҷӯяк, чоҳ, ҷойҳои чӯкида, сой ва ҷариҳо, дар зери замин ғору ковокиҳо пайдо мешаванд.

**КАРТ,** [англ. cart]. Автомобили камлитражи болокушода барои пойга. || Мқс. багги, картинг.

**КА́РТА,** [лот. cart]. Ниг. *корт.*

**КАРТ-БЛАНШ,** [фр. carte blanche бланки тоза]. Ниг. *корт-бланш.*

**КАРТЕ́Л (КАРТЕ́ЛЬ),** [фр. cartel]. **1**. Яке аз шаклҳои инҳисор (*монополия*) – иттиҳоди корхонаҳои калони ягон соҳаи саноат, ки бо мақсади ҳукмронӣ дар бозор, назорат ба нарх ва гирифтани фоидаи бештар ташкил карда мешавад; корхонаҳои узви К. мустақилияти тиҷоратию истеҳсолии худро нигоҳ медоранд; К.-и байналмилалӣ – созишнома ё аҳду паймони ширкатҳои мамлакатҳои гуногун дар бораи тақсими бозори фурӯш, манбаъҳои ашёи хом, муқаррар намудани нархҳои картелӣ, истифодаи патентҳо ва ғ. **2**. Муттаҳидшавӣ ё бо ҳам забон як кардани ҳизбҳои сиёсӣ бо мақсади гузарондани чорабиниҳо ё маъракаҳои муштарак, мас., маъракаи интихобот. **3.** Созиши байни давлатҳо оид ба иваз намудани маҳбусон ё асирони ҳарбӣ. **4**. *таър.* Дар асрҳои миёна – ҳуҷҷате, ки шартҳо ва тартиби *турнир* ё *дуэлро* муқаррар мекард, дертар – ба воситаи мактуб ба дуэл даъват кардан.

**КА́РТЕР,** [англ. carter]. *тех.* Қисми ноҷунбони қуттишакли мошин ё механизм (муҳаррик, насос, *редуктор* ва ғ.), ки барои қисмҳои корӣ чун такягоҳ хизмат мекунад ва онҳоро аз чангу ғубор муҳофизат менамояд.

**КАРТЕЧ (КАРТЕЧЬ),** [пол. kartecza]. **1**. Намуди снаряди артиллерӣ барои нест кардани қувваи зиндаи душман аз масофаи наздик. **2**. Сочмаи калондона барои милтиқҳои шикорӣ. || Мқс. шрапнел.

**КА́РТИНГ,** [англ. carting]. *варз*. **1**. Як навъ мусобиқаи автомобилронӣ – пойгаи *картҳо*. **2**. Майдончаи махсус барои чунин пойга; *картодром* низ гӯянд.

**КАРТОГРА́ММА,** [< лот. cart харита + *...грамма*]. Тасвири графикии маълумоти оморӣ оид ба ин ё он минтақа дар харита, мас., оид ба зичии аҳолӣ; одатан бо аломатҳои (*штрихҳои*) ғафсиашон гуногун ё рангҳои тобишашон ҳархела анҷом дода мешавад.

**КАРТОГРА́ФИЯ,** [< лот. cart харита + *...графия*]. Илм дар бораи кашидан ва истифода бурдани харита, *атлас* ва *глобусҳои* географӣ, инчунин харитаи ҷирмҳои осмонӣ.

**КАРТОДИАГРА́ММА,** [< лот. cart харита + *диаграмма*]. Харитае, ки бо ёрии диаграммаҳо бузургии умумии нишондиҳандаи омориро оид ба ин ё он минтақа, мас., дараҷаи шӯрии хоки мавзеи муайянро нишон медиҳад.

**КАРТОДРО́М,** [< *карт* + *...дром*]. Майдони махсус ҷиҳозонидашуда барои озмоиш ё пойгаи *картҳо*.

**КАРТОМЕ́ТРИЯ,** [< лот. cart харита + *...метрия*]. Шуъбаи *картография*, ки усулҳои аз рӯи харита чен кардани дарозӣ, масоҳат, кунҷ, сатҳ, ҳаҷм ва ғ.-ро таҳқиқ менамояд.

**КАРТО́Н[1],** [фр. carton < лот. carta коғаз]. Коғази ғафси сахт, ки аз масолеҳи нахдори дурушт (чӯб, хас, коғазпораю латтакӯҳна ва ғ.) ҳосил мекунанд; дар тайёр кардани муқоваи китоб, қуттӣ, пойафзол ва м. инҳо истифода мешавад.

**КАРТО́Н[2],** [фр. carton < лот. carta коғаз]. Дар санъати тасвирӣ – расми ёридиҳанда (хомакӣ), ки ба андозаи асари оянда (сурат, қолин ва ғ.) кашида шудааст.

**КАРТОНА́Ж,** [фр. cartonnage < лот. carta коғаз]. Маснуоти картонӣ.

**КАРТОТЕ́КА,** [фр. cartotheque < юн. chartes варақи коғаз + theke қуттӣ]. **1**. Маҷмуи варақчаҳои (*кортҳои*) бо тартиби муайян гузошташудае, ки дар онҳо ягон маълумот сабт шудааст, мас., К.-и китобхона. **2**. Ҷевон ё қуттӣ барои чунин варақчаҳо (кортҳо).

**КАРТО́ШКА,** [< рус. картошка, картофель < ол. Kartoffel < ит. tartufolo]. *бот., кшв.* Бехмеваи серкрахмал, маҳсулоти пурарзиши хӯрокворӣ, ки ватанаш Амрикои Ҷанубист; ба Аврупо (аз ҷумла ба Россия) дар асри 16 оварда шудааст; дар Тоҷикистон аз солҳои 20-уми асри 20 парвариш карда мешавад.

**КАРТРИ́Ҷ (КАРТРИ́ДЖ),** [англ. cartridge]. Ҷиҳозу қисмҳои ягон асбоб, олат, дастгоҳ, ки дар даруни *кассета* ҷой гирифтаанд; К.-и принтер – қисми *принтер*, ки дар он *тонер*, ранг ва тасмаи рангдиҳанда ҷойгир шудаанд.

**КА́РТСЕР (КА́РЦЕР),** [лот. carser]. Зиндони яккаса; дар ҳабсхона – *камераи* яккаса, ки дар он маҳбусони сиёсӣ ва маҳбусони аз тартиботи ҳабсхона саркашикардаро нигоҳ медоранд; дар муассисаҳои таълимии Россияи подшоҳӣ – хонае, ки дар он талабагони бетартибро нигоҳ медоштанд.

**КАРТУ́З,** [ҳол. kardoes]. **1**. Кулоҳи мардона, ки дар қисми пешаш лапари сахт дорад. || Мқс. фуражка. **2**. Халтачаи коғазин. **3**. Борутхалта; халтачаи латтагин барои борут.

**КАРТУЛЯ́РИЙ,** [< лот. chartularium маҷмуи ярлиғҳо]. *таър*. Дар Аврупои Ғарбии асрҳои миёна – маҷмуи нусхаҳои ярлиғ (*грамота*) ва ҳуҷҷатҳои дигар дар бораи инъоми замин.

**КАРТУ́Ш,** [фр. cartouche]. Нақши сипаршакли гаҷӣ, ки дар мобайнаш нишон (*герб*), тамға (*эмблема*), муҳр ё навиштаҷоте тасвир ёфтааст; одатан дар болои дарвозаҳо, даромадгоҳи биноҳо, дар лавҳаҳои сари қабр насб карда мешавад.

**КАРТУ́ШКА,** [< фр. cartouche]. Давраи дараҷадори қутбнамо (*компас*).

**КАРУСЕ́Л (КАРУСЕ́ЛЬ)¹,** [фр. carrousel]. Чархофалак; иншооти дар гирди меҳвари амудӣ даврзананда, ки нишастгоҳҳояш шакли ҳайвонот, киштӣ, ҳавопаймо ва м. инҳоро доранд; дар боғҳо барои дилхушӣ сохта мешаванд.

**КАРУСЕ́Л (КАРУСЕ́ЛЬ)²,** [фр. carrousel]. Мусобиқаи ҳарбии аспрозӣ, ки дар асри 17 ба ҷои мусобиқаи *ритсарии* асримиёнагӣ (*турнир*) пайдо шуд.

**КАРУСЕЛӢ,** [< фр. carrousel]. Даврзананда; даввор; дастгоҳи К. – дастгоҳи харротии меҳвараш амудӣ барои тарошидани маснуоти нимсохти калон; печи К. – *печи* тагаш даврзананда, ки дар он маснуоти нимсохтро пеш аз куфтан гарм мекунанд.

**КАСИ́К,** [исп. cacique]. **1**. Дар Амрикои Ҷанубӣ ва Амрикои Марказӣ то истилои испаниҳо – доҳии ҳиндуён. **2**. Дар баъзе мамлакатҳои Амрикои Лотинӣ ва Испания – шахси муътабар ва бонуфуз.

**КА́СКА,** [исп. casco]. Тоскулоҳ; кулоҳи муҳофизатӣ аз металл, пластмасса, пӯст ва диг. масолеҳи сахт; дар артиш, хадамоти оташнишонӣ, сохтмон, корхонаҳои металлургӣ ва м. инҳо истифода мебаранд.

**КАСКА́Д,** [фр. cascade < ит. cascata < cascare афтидан]. **1**. Шаршараи табиӣ ё сунъие, ки обаш зина-зина ҷорӣ мешавад. **2**. *физ., тех*. Қисми қувватфизо (ниг. *усилитель*), ки аз чароғи электронӣ ё асбоби нимноқилӣ ва унсурҳои ба он васлшудаи радиоӣ иборат аст. **3**. Гурӯҳи нерӯгоҳҳои обии барқӣ, ки на чандон дур аз якдигар дар маҷрои як дарё воқеъ гардидаанд. **4**. Дар сирк – тақлиди афтидан; дурӯғакӣ, яъне ба таври шӯхӣ аз болои дор ба замин афтидани дорбоз, *акробат* ё ширинкор. **5**. Дар оперетта – рақси тезу шӯх дар ҳавои суруд. **6**. *маҷ*. Рафти босуръат, давомдор ва бетанаффуси ягон чиз, амал, ҳодиса, ҳолат, мас., К.-и ханда, К.-и латифаҳо.

**КАСКАДЁ́Р,** [< фр. cascade каскад (маънои 4)]. **1**. Артисти сирк, ки саҳнаҳои ба ваҷду ваҳм оварандаи афтиданро (*каскадро*) бозӣ мекунад. **2**. Шахсе, ки дар кино ба ҷои актёри асосӣ амалҳои (*трюкҳои*) мураккаб ва хавфнокро иҷро мекунад.

**КАСКЕ́Т,** [фр. casquette]. Кулоҳи ҳарбиён дар Фаронса.

**КА́СКО,** [ит. casco]. *мол*. Суғуртаи воситаҳои нақлиёти рӯизаминӣ, ҳавоӣ ва обӣ.

**КА́ССА,** [ит. cassa < лот. capsa қуттӣ, сандуқ]. **1**. Хазина, хазинадорӣ; шуъбаи корхона, муассиса барои қабул кардан, нигоҳ доштан ва додани пул. **2**. *мол.* Маблағи нақди корхона, муассиса, ташкилот. **3**. Олат (*аппарат*) дар фурӯшгоҳҳо ё марказҳои хизматрасонӣ, ки дар он баргаи (*чеки*) моли фурухташуда ё хизмати расондашуда бо нишон додани сана ва нарх чоп карда мешавад. **4**. Қуттӣ, сандуқ ё ҷевон барои нигоҳ доштани пул ё коғазҳои қиматнок. **5**. Кассаи ҳамёрӣ (таовун, муованат) – ташкилоти ихтиёрии ғайрирасмии аъзои иттифоқи касаба барои расондани ёрии пулӣ ва моддӣ ба якдигар.

**КАССАВӢ,** [< *касса*]. Аппарати кассавӣ – аппарат барои қабули пули нақд ё кортҳои пластикии пардохт; аппарати кассавии муосир *сканер* дорад, ки он штрих-рамзи молро хонда, нархи онро нишон медиҳад.

**КАССА́НДРА,** [юн. Kassandra]. **1**. Дар асотири юнониён – духтари подшоҳи Троя; ҳар гуна ҳодисаҳоро пешгӯӣ менамуд, вале ба пешгӯиҳои воҳиманоку шуми ӯ касе бовар намекард. **2**. *маҷ.* Пешгӯикунандаи бадбахтиҳо. **3**. *бот.* Як ҷинси буттадарахти ҳамешасабз, ки дар тундра, ботлоқҳо ва бешаҳои сернами шимолӣ мерӯяд; барои чорво заҳрнок аст.

**КАССА́ТСИЯ (КАССА́ЦИЯ),** [< лот. cassatio бекор кардан]. **1**. *ҳуқ.* Аз нав дида баромадан ё бекор карда шудани ҳукми суди поёнӣ аз тарафи суди болоӣ. **2**. *гуфт.* Аризаи шикоятӣ; аризаи кассатсионӣ – хоҳиши хаттӣ дар бораи аз нав дида баромадан ё бекор кардани қарори суд. **3**. *ҳуқ.* Беэътибор донистани натиҷаҳои интихобот аз сабаби вайрон карда шудани конститутсия ё қонун дар бораи интихобот.

**КАССЕ́ТА,** [< фр. cassette қуттича]. **1**. Ғилофи рӯшноиногузар барои нигоҳ доштани плёнкаи суратгирӣ. **2**. Асбоби қуттичашакл, ки андаруни он навори *аудиоӣ* ё *видеоӣ* ҷой гирифтааст.

**КАССИОПЕ́Я,** [< юн. Kassiopeia andra – аз номи маликаи афсонавии Эфиопия, модари Андромеда]. *астр.* Бурҷ дар нимкураи шимолии осмон; зотулкурсӣ.

**КАССИТЕРИ́Т,** [< юн. kassiteros қалъагӣ]. *маъд.* Қалъагисанг; минерал, дуокиси қалъагӣ; дар шакли кристаллҳои сахти зард, сиёҳчатоб ё беранг дучор мешавад; аз К. қалъагӣ ҳосил мекунанд.

**КАССИ́Р,** [< *касса*]. Хазинадор; мудир ё корманди касса, ки бо қабул кардан ва додани пул, коғазҳои қиматнок, чипта (*билет*) ва м. инҳо машғул аст.

**КА́ССИЯ,** [лот. cassia]. *бот.* Растании бисёрсола аз оилаи лӯбиёгиҳо; бештар дар тропикҳо ва субтропикҳо мерӯяд; баргҳояшро барои тайр кардани доруҳои исҳоловар истифода мебаранд.

**КА́СТА,** [< порт. casta қавм < лот. castus тоза, асил]. **1**. Дар Ҳиндустон ва баъзе мамлакатҳои диг. – табақаи аз ҷамъият дури одамон, ки аз ҷиҳати пеша, насаб, решаҳои аҷдодӣ, урфу одат, эътиқод ва асилтарошии худ аз дигарон ҷудо мешаванд ва қонуну қоидаҳои худро доранд, мас., К.-и браҳманон. **2**. *маҷ.* Силк,

табақа; ҳар гуна гурӯҳи ҷамъиятие, ки худро аз дигарон ҷудо кардааст ва даромадан ба он барои дигарон мушкил ё тамоман номумкин аст.

**КАСТАНЙЕ́ТА (КАСТАНЬЕ́ТА),** [исп. castanetas]. Шақшақа; асбоби мусиқии зарбӣ, ки аз ду лаъличаи чӯбин ё пластмассагин иборат аст буда, раққос онро ҳангоми рақсидан бо ангуштонаш менавозад; дар Италия, Испания ва мамлакатҳои Амрикои Лотинӣ маъмул аст.

**КАСТЕЛЯ́Н,** [< лот. castellanus бошандаи қалъа]. *таър*. **1**. Дар Фаронсаи асрҳои миёна – қалъадор; сардори (соҳиби) қалъа. **2**. Дар асрҳои миёна дар баъзе мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ – нозири (нигаҳбони) қалъа ё бинои ҷамъиятӣ. **3**. Дар Полшаи асрҳои миёна – ёвари сардори шаҳр. **4**. Посбони ибодатгоҳи католикӣ.

**КАСТЕЛЯ́НША,** [< *кастелян*]. Мудираи либосхона дар хобгоҳ, беморхона, меҳмонхона, ятимхона.

**КАСТЕ́Т,** [< фр. casse-tete < casse кафондан + tete сар]. Тахтачаи сӯрохдори оҳанин, ки дар муштҷанг ба ангуштони даст андохта, истифода мебаранд.

**КА́СТИНГ,** [англ. casting]. Озмун; интихоби пешакии довталабон ба иҷрои нақшҳо дар кино, иштирок дар озмунҳои ҳусн, намоиши мӯд ва м. инҳо.

**КА́СТОМ**, [< англ. custom фармуда, мувофиқи фармоиш сохташуда]. Маҳсулоти фармуда; маҳсулоте, ки мувофиқи талаботи муштарӣ ё харидор тайёр карда шудааст.

**КАСТОМА́ЙЗИНГ**, [англ. customising < customer муштарӣ, харидор, мизоҷ]. Мувофиқ намудани маҳсулот (хизмат) ба талаботи харидор (муштарӣ)-и мушаххас.

**КАСТО́Р,** [фр. castor < юн. kastor қундуз, саги обӣ]. **1**. Як навъ матои ғафси моҳутӣ, ки барои дӯхтани либоси рӯй истифода мешавад. || Мқс. драп. **2**. *астр*. Номи ситораи равшане дар бурҷи Ҷавзо. **3**. Р а в ғ а н и к а с т о р – равғане, ки аз тухми беданҷир (канадона) мегиранд; дар тиб барои тайёр кардани ҳар гуна марҳаму *крем* ва доруҳои исҳоловар истифода мешавад.

**КАСТО́РКА,** [фр. castor < юн. kastor қундуз, саги обӣ]. Ниг. *кастор* (маънои 3).

**КАСТРА́Т,** [фр. castrat < лот. castratus]. **1**. Марди ахта; одам ё ҳайвони наринае, ки ғадудҳои ҷинсиаш (хояҳояш) дур карда шудаанд. **2**. Дар Италия (то асри 19) – сарояндаи калисо ё опера, ки бо мақсади нигоҳ доштани овози баландаш дар айёми кӯдакӣ ахта карда мешуд.

**КАСТРА́ТСИЯ (КАСТРА́ЦИЯ),** [фр. castration < лот. castratio]. Ахта кардан; гирифта партофтани ғадудҳои ҷинсии (хояҳои) одам ё ҳайвони нарина.

**КАСТРЮ́ЛКА (КАСТРЮ́ЛЬКА),** [рус. < ол. Kasserolle]. Ниг. *кастрюля.*

**КАСТРЮ́ЛЯ,** [рус. < ол. Kasserolle]. Дегчаи металлии силиндршакли сирнок ё бесир барои хӯрокпазӣ.

**КАТА́,** [яп]. Аломатҳои ҳиҷогии хати японӣ, ки дар қатори *иероглифҳо* истифода мешаванд.

**КАТАБА́Н,** [семит.]. *таър.* Давлате дар Арабистони Ҷанубӣ, ки дар ҳазорсолаи якуми то милод вуҷуд дошт; дар асри 4 то милод ба ҳайати шоҳии Ҳимёритҳо дохил шуда, мустақилияти худро аз даст дод.

**КАТАБОЛИ́ЗМ,** [< юн. katabole поён партофтан + пасв. *-изм*]. *биол.* Маҷмуи реаксияҳои мубодилаи моддаҳо дар организм (*метаболизм*), ки дар натиҷаи он моддаҳои органикӣ – ҷузъҳои таркибии ҳуҷайраю бофтаҳо вайрон мешаванд; баръакси *анаболизм.* || Мқс. анаболизм, метаболизм.

**КАТАВА́СИЯ,** [< юн. katabasion]. **1**. Сурудхонӣ дар калисо, дайр. **2**. *маҷ.* Бенизомӣ, бетартибӣ, бесомонӣ, харҷу марҷ.

**КАТАГЕНЕ́З,** [< юн. kata боло + genesis пайдоиш]. *геол.* Ҷараёни тағйирёбии химиявию минералогии ҷинсҳои кӯҳии таҳшиншуда баъди ба вуҷуд омадани онҳо дар рафти *диагенез*; *эпигенез* низ гӯянд. || Мқс. литогенез.

**КАТАДРОМӢ,** [< юн. kata боло + *...дром*]. Муҳоҷирати катадромӣ – муҳоҷирати моҳиҳо аз баҳрҳо ба дарёҳо барои тухмпартоӣ; баръакси *анадромӣ.*

**КАТА́КАНА,** [яп]. Хати ҳиҷоии японҳо, ки ба *иероглифҳои* хитоӣ асос ёфтааст; аз боло ба поён навишта мешавад. || Мқс. харакана.

**КАТАКЛА́З,** [< юн. kataklas вайрон кардан]. *геол.* Вайроншавии минералҳои дохили ҷинси кӯҳӣ бо таъсири ҳаракатҳои *тектоникӣ.*

**КАТАКЛАЗИ́Т,** [< юн. kataklas вайроншавӣ]. *геол.* Яке аз намудҳои *тектонит*; ҷинси кӯҳие, ки дар натиҷаи вайроншавии (*катаклази*) минералҳои ҷинси кӯҳии пештара пайдо шудааст. || Мқс. милонит.

**КАТАКЛИ́ЗМ,** [< юн. kataklysmos обхезӣ, тӯфон]. Офат, бало; ҳодисаи харобиовар, фоҷиаи мудҳиш. || Мқс. апокалипсис.

**КАТАКО́МБАҲО,** [< лот. catacumba мақбараи зеризаминӣ]. **1**. *таър.* Дар Рими Қадим – ғорҳои табиӣ ё сунъии зеризаминӣ, ки насрониён дар он ҷо аз таъқиб паноҳ мебурданд ва мурдаҳояшонро низ дар ҳамон ҷо дафн менамуданд. **2**. Дар Мисри Қадим – дахма; ҷои нигоҳдории ҷасадҳои мумиёшуда. **3**. *маҷ.* Роҳҳои печ дар печи зеризаминӣ.

**КАТАЛА́ЗА,** [< юн. katalysis вайроншавӣ]. *хим., биол.* Ферменте аз синфи оксидоредуктотазаҳо, ки вайроншавии пероксиди гидрогенро дар об ва ҳаво метезонад.

**КАТАЛЕ́КТИКА,** [< юн. katalektikos тамомшуда]. *адш.* Қофияшиносӣ; таълимот дар бораи қофияи шеър.

**КАТАЛЕ́ПСИЯ,** [< юн. katalepsis хуруҷи дард]. *тиб.* Бемории шахак; шахшавӣ, карахтшавии тамоми бадан ё дасту пойҳо; ҳангоми *гипноз, летаргия*, ғазаби сахт, ҷунун ва баъзе бемориҳои диг. рӯҳӣ мушоҳида мешавад.

**КАТАЛЕ́ПТИК,** [< *каталепсия*]. Шахсе, ки ба бемории шахак (*каталепсия*) гирифтор шудааст.

**КАТА́ЛИЗ,** [< юн. katalysis вайроншавӣ]. *хим.* Тез ё сустшавии реаксияҳои химиявӣ бо таъсири ин ё он модда – *катализатор*; мас., расидани хамир, ба ҷӯш омадани шароб, *пиво* (оби ҷав) раванди К. буда, дар он хамиртуруш вазифаи *катализаторро* иҷро мекунад.

**КАТАЛИЗА́ТОР,** [< *катализ*]. **1**. *хим.* Моддае, ки суръати реаксияи химиявиро метезонад. **2**. *маҷ.* Таконбахш; омил; ҳодисае, ки ба инкишоф ё тағйирёбии ягон чиз такон мебахшад.

**КАТАЛО́Г,** [< юн. katallogos рӯихат]. **1**. Феҳристи бо тартиби муайян таҳияшудаи ягон чиз (мас., китоб, сурат, дастнавис, мол ва ғ.). || Мқс. проспект. **2**. *инф.* Махзани электронии (ҷувздон, папкаи) компютер, ки дар он *файлҳо* ва зеркаталогҳо нигоҳ дошта мешаванд.

**КАТАМАРА́Н,** [англ. catamaran < тамилӣ kattumaram ғӯлаҳои басташуда]. **1**. Амади одамкашӣ ва моҳидории мардуми соҳилҳои осиёии уқёнуси Ҳинд ва ҷазираҳои уқёнуси Ором (Амрикои Ҷанубӣ); ба воситаи бел ва бодбонҳо ҳаракат мекунад. **2**. Киштии на он қадар калони белдор ё бодбондор, ки аз якчанд ғӯлачӯби дарунковоки ба ҳам пайваст иборат аст. **3**. Ҷуфткиштӣ; киштии ҳозиразамони баҳрӣ ё дарёӣ, ки ду танаи (*корпуси*) мутавозӣ ва дар қисми болояш як саҳни умумӣ дорад.

**КАТА́МНЕЗ,** [лот. catamnesis]. *тиб.* Маълумот дар бораи бемор, ки баъди ташхиси беморӣ ё баъди шифо ёфтани бемор ҷамъ карда мешавад.

**КАТАПУ́ЛТА (КАТАПУ́ЛЬТА),** [лот. catapulta]. **1**. Манҷаниқ; аслиҳаи қалъашикан; олати махсусе, ки замонҳои қадим барои ба қалъаи муҳосирашуда партофтани санг, ғӯлачӯб, зарфҳои пур аз қатрони сӯзон ва м. инҳо истифода мешуд. **2**. Ҷиҳоз барои аз саҳни киштиҳо ба ҳаво хезондани ҳавопаймоҳо, планерҳо ва олоти дигари парвозкунанда. **3**. Таҷҳизот дар олоти парвозкунанда (мас., дар ҳавопаймо), ки ҳангоми фалокат ҳавонавардро ба таври автоматӣ ба берун ҳаво медиҳад ва ӯ ба воситаи *парашют* ба замин мефурояд.

**КАТА́Р,** [< юн. katarrhoos шоридан, ҷорӣ шудан]. *тиб.* Назла; варами луобпардаи ягон узв, мас., бинӣ, меъда, гулӯ ва ғ.

**КАТАРА́КТА,** [< юн. katarrhoos шоридан, ҷорӣ шудан]. *тиб.* Оби марворид; хира шудани булӯраки чашм, ки гузаштани рӯшноиро душвор намуда, боиси суст шудани қувваи биноӣ мегардад. || Мқс. глаукома.

**КАТАРОБИО́НТҲО,** [< юн. katharos тоза + *бионт*]. *биол.* Организмҳои зиндае, ки дар обҳои тозаи хунук ва сероксиген зиндагӣ мекунанд. || Мқс. сапробионтҳо.

**КАТА́РСИС,** [< юн. katharsis покшавӣ + *бионт*]. Дар таълимоти Арасту (384 – 322 то милод) – аз ҷиҳати маънавию ахлоқӣ тоза шудани тамошобинони фоҷиа.

**КАТА́РҲО,** [< юн. katharos тоза]. Пайравони бидъат, куфр, ки асрҳои 11 – 13 дар Аврупои Ғарбӣ, асосан дар Италияи Шимолӣ ва Фаронсаи Ҷанубӣ паҳн шуда буданд; аксари онҳоро косибону деҳқонон ташкил мекарданд; зуҳдро таблиғ менамуданд, олами моддиро зодаи шайтон ва дороиро гуноҳ мешумурданд, айбу нуқсони рӯҳониёни католикиро танқид мекарданд.

**КАТАСТРО́ФА,** [< рус. < юн. katastrophe гардиш]. Фалокат, садама, шикаст, ҳалокат; ҳодисаи фоҷианок.

**КАТАСТРОФИ́ЗМ,** [< *катастрофа* + пасв. *-изм*]. Назарияи пешниҳоднамудаи палеонтологи фаронсавӣ Ж. Кюве, ки мувофиқи он дар таърихи Замин борҳо фалокатҳои мудҳиш рӯй дода, тамоми олами набототу ҳайвонот нест шуда, аз нав набототу ҳайвоноти дигар пайдо шудаанд.

**КАТАТО́НИЯ,** [лот. catatonia]. *тиб*. Вайроншавии ҳолати рӯҳӣ ва асабҳо, ки бо ихтилоҷи (кашидашавии) мушакҳо, нодурустии ҳаракатҳои ихтиёрӣ ва ҳаяҷону изтироби сахт зоҳир мегардад. || Мқс. каталепсия.

**КАТАТРОПИ́Я,** [лот. catatropia]. *тиб*. Ба поён тоб хӯрдани меҳвари босира.

**КАТАФА́ЛК,** [< ит. catafalco]. **1**. Ароба ё автомобили тобуткашӣ. **2**. Суфачае, ки маитро дар маросими видоъ болои он мегузоранд.

**КАТАФАТӢ** [юн. kataphatikos]. Ф и қ ҳ и к а т а ф а т ӣ – дар дини насронӣ – шохаи илми илоҳиёт, ки дар олам вуҷуд доштани Худоро аз рӯи изу аломатҳое, гӯё Худо дар рӯи замин мегузорад, исбот менамояд.

**КАТАФОРЕ́З,** [юн. kataphorese]. *кӯҳна*. Номи пештараи *электрофорез*.

**КАТАФО́ТҲО,** [< юн. kata дар зери + photos рӯшноӣ]. Акскунандаҳои рӯшноӣ; ҷиҳози одатан пластикие, ки дар воситаҳои нақлиёт ва аломатҳои роҳ насб карда мешавад, то ки онҳо шабона дар рӯшноии чароғи нақлиёти аз паҳлӯяшон гузаранда хубтар намоён гарданд.

**КАТАФРА́КТ,** [юн. kataphraktos]. *таър*. Лашкари савораи вазниняроқи Македония дар асри 4 то милод.

**КАТАФРО́НТ,** [< юн. kata поён + *фронт*]. Фронти (ниг. *фронт*) атмосферӣ, ки дар он ҳавои гарм ба поён ҳаракат мекунад. || Мқс. анафронт.

**КАТЕГО́РИЯ,** [юн. kategoria]. **1**. *фалс*. Мафҳуми илмие, ки хусусияту робитаҳои умумии ҳодисаҳои олами объективӣ (материя, вақт, фазо, ҳаракат, сабаб, сифат, миқдор ва ғ.)-ро инъикос мекунад. **2**. Гурӯҳи ашё, мафҳумҳо, ашхос ё ҳодисаҳое, ки бо ягон аломати умумӣ муттаҳид шудаанд. **3**. Дараҷа. || Мқс. разряд.

**КАТЕ́ДЕР-СОТСИАЛИ́СТОН (КАТЕ́ДЕР-СОЦИАЛИ́СТОН),** [< ол. Katheder кафедра]. *таър*. Гурӯҳи профессорони иқтисоди сиёсӣ дар Олмон, ки солҳои 70-

уми асри 19 ислоҳоти буржуазӣ-либералиро сотсиализм гуфта маънидод мекарданд ва бо ин роҳ пролетариатро аз мубоиризаи зидди капитализм дур менамуданд.

**КАТЕНА́НҲО,** [< лот. catena занҷир]. *хим.* Пайвастҳои химиявие, ки ҷузъҳои силсилавии онҳо бо якдигар чун ҳалқаи занҷир пайвастанд.

**КАТЕНО́ИД,** [< лот. catena занҷир + eidos намуд, шакл]. *геом.* Сатҳе, ки онро хати занҷирӣ ҳангоми гирди тири худ давр задан ҳосил мекунад.

**КАТЕПСИ́НҲО,** [юн. katepsinos]. *хим. Ферментҳое*, ки дар ҳуҷайраю бофтаҳои организми зинда таҷзияи *пептидҳо* ва сафедаҳоро метезонанд.

**КА́ТЕР,** [англ. cutter]. **1**. Киштии хурди бодбонӣ, белдор ё муҳаррикдор барои кашондани бор, мусофирон, сайёҳон, наҷотдиҳандагон, ядак кардани киштиҳо ва мақсадҳои диг. **2**. Киштии хурди ҳарбии артиллерӣ, торпедавӣ, десантӣ, посбонӣ (одатан барои муҳофизати минтақаҳои назди соҳил).

**КА́ТЕТ,** [< юн. kathetos амуд]. *геом.* Ҳар кадоме аз ду тарафи секунҷаи росткунҷа, ки кунҷи ростро ташкил медиҳанд. || Мқс. гипотенуза.

**КАТЕ́ТЕР,** [юн. katheter]. *тиб.* Қастара; найчае, ки ба ковокиҳои бадан (мас., ба пешобдон) барои аз моеот холӣ кардани онҳо, шустани онҳо, инчунин барои ташхиси беморӣ ворид карда мешавад. || Мқс. зонд.

**КАТЕТО́МЕТР,** [< юн. kathetos амуд + *...метр*]. *физ.* Асбоб барои чен кардани масофаи амудии байни ду нуқта.

**КАТЕХИ́ЗИС,** [< юн. katechesis дастур]. Тафсири мухтасари таълимоти насронӣ дар шакли саволу ҷавоб.

**КАТЕХОЛАМИ́Н,** [< *пирокатехин* + *амин*]. *хим., физиол.* Маҳсули *пирокатехин*, аз қабили *адреналин, дофамин, норадреналин* ва ғ., ки медиатори (ниг. *медиатор*) системаи асаб ва гормонҳои одаму ҳайвонот ба шумор меравад.

**КАТЕ́ХУ,** [англ. catechu < мал.]. *бот.* Дарахти ақоқиё, ки дар Ҳиндустон ва Шри-Ланка мерӯяд; аз ширааш ранг тайёр мекунанд.

**КАТИО́Н,** [< юн. kata поён + ion раванда]. *физ. Иони* зарядаш мусбат, ки дар майдони электрӣ ба самти электроди манфӣ (*катод*) ҳаракат мекунад.

**КАТИОНИ́ТҲО**, [< *катион*]. *физ. Ионитҳое*, ки ионҳои мусбат заряднокшудаи худро бо ионҳои муҳити берун иваз карда метавонанд.

**КАТО́Д,** [< юн. kathodos ҳаракат ба поён]. *физ.* **1**. Қутби манфии манбаи ҷараёни доимии электр; баръакси *анод*. **2**. *Электроди* асбоб, ки ба қутби манфии манбаи ҷараёни электр пайваст шудааст. **3**. Электроди манфӣ.

**КАТО́ЛИК,** [< юн. katholikos умумӣ, куллӣ]. Пайрави мазҳаби католикӣ.

**КАТОЛИКО́С,** [< юн. katholikos умумӣ, куллӣ]. Унвони саррӯҳонии (*патриархи*) калисои парвославии арманӣ-григорианӣ ва гурҷӣ.

**КАТОЛИТСИ́ЗМ (КАТОЛИЦИ́ЗМ),** [< юн. katholikos умумӣ, куллӣ]. Яке аз мазҳабҳои асосии дини насронӣ (дар қатори мазҳабҳои православӣ ва протестантӣ); дар нимаи дуюми асри 11 – аввали асри 12 баъди ба калисои шарқӣ (православӣ) ва калисои ғарбӣ (римӣ-католикӣ) ҷудо шудани калисои насронӣ ба вуҷуд омадааст.

**КАТО́ПРИКА,** [< юн. katoprikos оинавӣ]. Фасли *оптика*; сохти тасвирҳоеро меомӯзад, ки дар ин ё он сатҳ оинавор акс ёфтаанд.

**КА́ТОРГА,** [< юн. қад.]. **1**. Ҷои кори маҷбурии ҷинояткорони бадарғашуда. **2**. *маҷ*. Азобу машаққат; шароити вазнину тоқатфарсои зиндагӣ.

**КАТРЕ́Н,** [фр. quatrain]. *адш*. Дубайтӣ, рубоӣ; шеъре, ки аз чор мисраъ иборат аст.

**КАТЮ́ША,** [< рус]. *гуфт*. Миномёти реактивие, ки дар болои автомобил гузошта шудааст; дар солҳои ҶБВ ихтироъ ва бо ҳамин ном машҳур шуд.

**КАУДАЛӢ,** [< лот. cauda дум]. *анат*. У з в ҳ о и  к а у д а л и и  б а д а н – узвҳое, ки дар назди дум ё коси ҳайвон ҷойгир шудаанд.

**КАУДИ́ЛЙО (КАУДИ́ЛЬО),** [< исп. caudillo роҳбалад, роҳнамо]. **1**. Дар мамлакатҳои Амрикои Лотинӣ – пешво, роҳбари сиёсӣ дар ҳизб, минтақа ё давлат. **2**. Дар Испания (солҳои 1939 – 1975) – унвони диктатор Франсиско Франко.

**КАУЗАЛӢ,** [< лот. causa сабаб]. *фалс*. Сababӣ; м у н о с и б а т ҳ о и  к а у з а л ӣ – муносибатҳои сабабӣ.

**КАУЗАЛГИ́Я (КАУЗАЛЬГИ́Я),** [< юн. kausis сӯзиш + algos дард]. *тиб*. Дарди сӯзишноке, ки баъди захмдоршавӣ ё сӯхтани танаи асаб пайдо мешавад.

**КАУЛЕ́РПА,** [< юн. kaulos поя]. *бот*. Ҷинси обсабзҳо, ки ҳар кадомашон аз як ҳуҷайраи бисёрядрогӣ иборатанд.

**КАУЛИФЛО́РИЯ,** [< юн. kaulos поя + flos (flores) гул]. *бот*. Инкишофи гул бевосита дар танаи растанӣ ё дар навдаҳои ғафси он.

**КА́УПЕР,** [англ. cowper – аз номи ихтироъкори англис Э. Каупер (1819 – 1893)]. Олат барои гарм кардани ҳавои кӯраи чӯянгудозӣ.

**КАУСТИКӢ,** [< юн. kaustikos сӯзон]. *С о д а и*  к а у с т и к ӣ – номи техникии гидроксиди натрий; *каустик* низ гӯянд.

**КАУСТОБИОЛИ́ТҲО,** [< юн. kaustos сӯзон + *био…* + lithos санг]. Сарватҳои зеризаминии органикии сӯзанда; ба ангиштӣ (ангиштсанг, торф, сланетсҳои сӯзанда) ва нафтӣ (нафт, асфалт ва ғ.) ҷудо мешаванд.

**КАУТЕРИЗА́ТСИЯ (КАУТЕРИЗА́ЦИЯ),** [< юн. kaustos сӯзон]. *тиб*. Сӯзондани (доғ кардани) бофтаҳо бо ёрии металли тасфон ё моддаҳои химиявӣ (мас., ҳангоми табобати озахҳо). || Мқс. галванокаустика.

**КАУЧУ́К,** [англ. caoutchouc < заб. тупи-гуарани cau дарахт + uchu ҷорӣ шудан]. Моддаи чандири ёзанда, ки аз шираи ширмонанди баъзе растаниҳо ё ба таври сунъӣ ҳосил мекунанд; асосан дар истеҳсоли резина ба кор меравад.

**КАФ,** [англ. CAF (cost and freight) арзиш ва *фрахт*]. *тиҷ*. Яке аз намудҳои шартномаи савдои берунӣ, ки мувофиқи он нархи боркашонии баҳрӣ (*фрахт*) то бандари таъйинот ба нархи мол зам карда мешавад.

**КАФЕ́,** [фр. cafe.]. Қаҳвахона; тарабхонаи на чандон калон, ки дар он чой, қаҳва, нӯшокиҳои ташнагишикан ва спиртӣ, ҳар гуна таому газакҳо дода мешавад.

**КА́ФЕДРА,** [< юн. kathedra < лот. cathedra курсӣ]. **1**. Минбар; ҷои аз сатҳи фарш баландтар барои суханронӣ. **2**. Дар мактабҳои олӣ – иттиҳоди профессорону омӯзгорон ва кормандони илмии як ё якчанд соҳаи ба якдигар наздики илм.

**КАФЕДРАЛӢ,** [< юн. kathedra < лот. cathedra курсӣ]. К а л и с о и  К. – калисои ҷомеъ, ки дар он ибодатро *епископи* маҳаллӣ ба ҷо меорад.

**КА́ФЕЛ (КА́ФЕЛЬ),** [< ол. Kachel]. Кошин; тахтачаи сафолини чинимонанд, ки барои рӯйкаш намудани девор, фарш ва ғ. истифода мешавад.

**КАФЕТЕ́РИЙ,** [< англ. cafeteria < исп. cafetero қаҳвахона]. Қаҳвахонаи хурд (одатан бо усули худхизматрасонӣ кор мекунад).

**КАФЕШАНТА́Н,** [фр. cafechantant]. Тарабхона ё қаҳвахонае, ки дар он артистҳо сурудҳои шӯхи рақсӣ, баъзан сурудҳои мазмунашон дуҳӯра ва беодобона мехонанд; *шантан* низ гӯянд.

**КАХЕ́КСИ́Я,** [юн. kachexia < kakos бад + hexis ҳолат]. *тиб*. Лоғарӣ ва бемадории аз ҳад зиёди организм дар натиҷаи гуруснагии дурудароз, камвитаминӣ, саратон ва дигар омосҳои бадфарҷом, бемориҳои сироятии музмин ва м. инҳо.

**КАЧУ́ЧА,** [исп. cachucha]. Рақси халқии испанӣ (андалузӣ), ки баъдтар ба рақси эстрадӣ табдил ёфт; бо пошнакӯбӣ ва шақшақанавозӣ (кастенйетанавозӣ) иҷро карда мешавад.

**КА́ША,** [< рус.]. **1**. Шӯла; таоме, ки бо роҳи дар об ё шир ҷӯшондани ярма (мас., марҷумак, биринҷ, *манна*, арзан ва м. инҳо) тайёр карда мешавад. **2**. *маҷ*. Кори чигилу муҷмал.

**КАШАЛО́Т,** [< порт. cachalotte моҳии каллакалон]. *зоол*. Гови анбар; моҳии анбар; ҳайвони обии ширхӯр аз оилаи наҳангҳои (*китҳои*) дандондор; дарозиаш то 21 м, вазнаш то 70 т; каллааш ниҳоят калон аст ва номаш аз ҳамин ҷост; дар замонҳои пеш аз фазлаи он анбар (як навъ моддаи хушбӯй) ҳосил мекарданд, ки дар тиб ва атторӣ ба кор мерафт. || Мқс. блювал, нарвал.

**КАШЕМИ́Р,** [фр. cachemire – аз номи вилояти Кашмир (Ҳиндустон)]. Як навъ матои нафиси пашмин ё нимпашмин.

**КАШНЕ́,** [фр. cache-nez < cache пӯшондан + nez бинӣ]. Гарданбанд (*шарф*) ё рӯймоле, ки мардҳо ба гардан мепечонанд.

**КАШПО́,** [фр. cache-pot < cache панаҳ кардан + pot тубак]. Тубакмонак; гулдони мунаққаши одатан сафолӣ, ки дар дарунаш тубаки гулро мегузоранд.

**КАШТА́Н,** [лот. castanea]. *бот.* Шоҳбулут; кастона; дарахте аз оилаи олашҳо, инчунин меваи ин дарахт.

**КАЮ́ТА,** [ҳол. kajuita]. Ҳуҷраи истиқоматӣ дар киштӣ.

**КАЮ́ТА-КОМПА́НИЯ,** [< ҳол. kajuita + фр. compagnite]. Ҳуҷраи калони умумӣ барои хӯрокхӯрӣ, истироҳат ё маҷлисҳои ҳайати роҳбарикунандаи киштӣ.

**КАЯ́К,** [эск.]. Завраќи шикории якбела ё дубелаи мардуми Шимол (эскимосҳо, алеутҳо), ки бо пӯсти *тюлен* рӯйкаш шудааст.

**КВА́ГГА,** [англ. quagga < афр.]. *зоол.* Аспи рах-рахи (*зебраи*) даштӣ, ки дар Африқои Ҷанубӣ зиндагӣ мекунад.

**КВА́ДР,** [ит. quadro]. Санги дар шакли *параллелепипед* тарошидашуда барои чидани девор.

**КВАДРА́НТ,** [< лот. quadrans чоряк]. **1**. *кӯҳна.* Тарбеъ; асбоби қадимаи астрономӣ барои чен кардани баландии ҷирмҳои осмонӣ дар болои уфуқ ва масофаи кунҷии байни ҷирмҳо. **2**. Дар артиллерия – асбоби зовиясанҷ барои нишонгирии амудии тӯп. **3**. *геом.* Чоряки доира.

**КВАДРА́Т,** [< лот. quadratis чоркунҷа]. **1**. *геом.* Росткунҷаи баробартараф. **2**. *мат.* Нишондиҳандаи зарби ду адади якхела ($a \cdot a = a^2$). **3**. Воҳиди дарозӣ барои чен кардани ҳуруфоти матбаавӣ, ки ба 48 *пункт* (тақр. ба 18 мм) баробар аст.

**КВАДРАТИ́СА,** [< лот. quadratis чоркунҷа]. *геом.* Хати каҷи ҳамворе, ки барои ҳалли масъалаи *квадратураи* доира истифода мешавад.

**КВАДРАТӢ,** [< *квадрат*]. Мураббаъ; мансуб ба *квадрат*; в о ҳ и д ҳ о и а н д о з а г и р и и К. – воҳидҳои масоҳат; р е ш а и К. – решаи дараҷаи 2-юми адади додашуда, яъне ҳамзарбкунандае, ки ҳангоми ба худаш зарб задани он ҳамон ададро медиҳад.

**КВАДРАТУ́РА,** [< лот. quadrare ба шакли чоркунҷа даровардан]. **1**. *геом.* Адади воҳидҳои квадратӣ дар масоҳати *фигураи* додашуда. **2**. *геом.* Сохтани квадрате, ки ба фигураи додашуда баробарбузург аст. **3**. *геом.* Ҳисоб кардани масоҳат ё *интеграл*. **4**. *маҷ.* Ҳама гуна масъалаи ҳалнашаванда. **5**. *гуфт.* К.-и х о н а – масоҳати хона.

**КВАДРИ́ВИУМ,** [< лот. quadrivium чорраҳа]. *таър.* Шакли таълим дар мактабҳои асримиёнагии Аврупо, ки омӯзиши чор фани асосӣ – мусиқӣ, арифметика, геометрия ва астрономияро дар бар мегирифт.

**КВАДРИ́ГА,** [лот. quadriga]. *таър.* Аробаи дучархаи юнониён ва римиёни қадим, ки ба чор асп баста мешуд.

**КВАДРИЛЛИО́Н, КВАДРИЛЙО́Н (КВАДРИЛЬО́Н),** [фр. quadrillion]. Ҳазор триллион; ададе, ки бо рақами як ва 15 сифр навишта мешавад, яъне $10^{15}$; дар баъзе мамлакатҳо $10^{24}$-ро низ К. меноманд.

**КВАДРИРЕ́МА,** [лот. quadriremus]. Дар Рими Қадим – киштии ҳарбие, ки аз ҳарду паҳлӯяш чорқаторӣ бел дошт.

**КВА́ДРО,** [лот. quadro]. Сабти чорканалии стереофонии овоз, ки ҳангоми шунавондани он ду баландгӯяк (*колонка*) дар пеши шунавандагон ва ду баландгӯяки дигар дар ақиби онҳо гузошта мешавад. || Мқс. моно, стерео.

**КВАДРИСИ́КЛ (КВАДРИЦИ́КЛ)**, [англ. quadricycle]. Мототсикли чорчарха.

**КВАДРУ́ПОЛ (КВАДРУ́ПОЛЬ),** [< лот. quadrum чоркунҷа, квадрат + юн. polos қутб меҳвари замину осмон]. *физ.* Системаи хунсои (*нейтралии*) иборат аз чор заряди электрикӣ – маҷмуи ду *диполи* бузургиашон баробар ва самташон муқобил, ки аз якдигар дар масофаи наздик ҷойгир шудаанд.

**КВАЗА́РҲО,** [англ. quasar]. *астр.* Ҷирмҳои кайҳонӣ – манбаъҳои пуриқтидори радиоафканишот, ки аз Замин дар масофаи миллиардҳо соли рӯшноӣ воқеъ шудаанд; қувваи шуоафканиашон ба қувваи шуоафкании садҳо *галактика* баробар аст.

**КВАЗИ...,** [лот. quasi]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки аз чиҳати маъно калимаҳои «ғайриҳақиқӣ», «дурӯғин», «бардурӯғ», «гӯё», «...намо» мувофиқ меояд, мас., квазизарра.

**КВА́КЕРҲО,** [англ. quakers ларзонҳо]. Аъзоёни яке аз силкҳои мазҳаби протестантӣ, ки дар асри 17 дар Англия пайдо шуда, баъдтар дар ИМА ва баъзе мамлакатҳои диг. паҳн гардидааст; К. ба расму оини калисо ва фаъолияти рӯҳониён зид баромада, *патсифизм* (ҷангбезорӣ) ва эҳсонкориро таблиғ менамуданд.

**КВАЛИМЕ́ТРИЯ,** [< лот. qualitas сифат + ...*метрия*]. Илм дар бораи усулҳои арзёбии миқдорӣ ба сифати маҳсулот.

**КВАЛИТАТИВӢ,** [< лот. qualitas сифат]. Сифатӣ; босифат, хушсифат.

**КВАЛИФИКА́ТСИЯ (КВАЛИФИКА́ЦИЯ),** [< лот. qualitas сифат + ...*фикатсия*]. **1**. Муқаррар намудани дараҷаи коршоямӣ ё тайёрии шахс ба иҷрои ин ё он намуди кор. **2**. Ихтисос, тахассус, касб. **3**. *ҳуқ*. К.-и ҷиноят – арзёбии ҷиноят дар асоси моддаҳои кодекси ҷиноятӣ бо мақсади дуруст муайян кардани чораи ҷазо.

**КВА́НЗА,** [афр.]. Воҳиди пули Ангола.

**КВАНТ,** [ол. Quant < лот. quantum чи қадар]. *физ.* Камтарин миқдори тағйирёбии бузургии табиатан дискретӣ; миқдори аз ҳама камтарини ягон бузургии физикӣ (мас., таъсир, энергия, миқдори ҳаракат ва ғ.), ки мустақилона вуҷуд дорад.

**КВАНТИТАТИВӢ,** [лот. quantitas]. Миқдорӣ.

**КВАНТӢ,** [< *квант*]. Мансуб ба квантҳо; г а з и К. – газе, ки аз зарраҳо ё квазизаррахо иборат аст; г е н е р а т о р и К. – манбаи афканишоти электромагнитӣ, ки кори он ба фотонафкании атомҳо, ионҳо ва молекулаҳо асос ёфтааст; м е х а н и к а и К. – соҳаи физика, ки қонунҳои ҳаракат ва ба якдигар таъсир расондани микрозаррахо (электронҳо, протонҳо, атомҳо ва ғ.)-ро таҳқиқ менамояд; х и м и я и К. – соҳаи химияи назариявӣ, ки сохт ва хосиятҳои пайвастҳои химиявӣ ва механизмҳои реаксияҳои химиявиро дар асоси механикаи К. меомӯзад.

**КВАНТИФИКА́ТСИЯ (КВАНТИФИКА́ЦИЯ),** [< лот. quantum чи қадар + …*фикатсия*]. Андозагирии миқдории аломат ё хусусиятҳои сифатӣ, мас., бо холҳо баҳо додан ба маҳорати варзишгар.

**КВАНТНОКӢ,** [< *квант*]. Фосиланок, ҷудо-ҷудо будани объект, раванд, хусусият, аломат.

**КВАНТОНӢ,** [< *квант*]. *физ.* Тақсим кардан ба квантҳо; аз рӯи қонуни муайяне ифода намудани ягон бузургӣ дар шакли қатори пайдарҳами унсурҳои алоҳидаи он. || Мқс. дискретизатсия.

**КВА́РКҲО,** [англ. cvarka]. *физ.* Микрозарраҳое, ки мавҷудияти онҳо аз ҷиҳати назариявӣ имконпазир аст; эҳтимол қисми таркибии *зарраҳои элементарӣ* бошанд; мавҷуд будани К.-ро с. 1964 физики амрикоӣ М. Гелл-Ман ва физики австриягӣ Г. Свейг бо мақсади шарҳ додани қонуниятҳои *адронҳо* тасдиқ карда буданд.

**КВА́РТА[1],** [< лот. quarta чоряк]. **1**. Воҳиди ҳаҷми моеот, ки дар ИМА ба 0, 9463 л, дар Британияи Кабир ба 1,136 л, дар Полша ба 1 л баробар аст; К.-и моддаҳои пошхӯранда дар ИМА ба 1,1012 л. баробар мебошад. **2**. Воҳиди дарозӣ дар мамлакатҳои Амрикои Лотинӣ, ки ба 20-21 см баробар аст.

**КВА́РТА[2],** [< лот. quarta чоряк]. **1**. *мус.* Дараҷаи 4-уми *гаммаи диатонӣ*, инчунин фосилаи байни дараҷаҳои 1-уму 4-ум. **2**. *варз.* Дар шамшербозӣ – яке аз усулҳои зада гардондани ҳамла.

**КВАРТА́Л,** [< лот. quartus чорум (баъзан задаро дар ҳиҷои якум мегузоранд, ки нодуруст аст)]. **1**. Маҳалла, гузари шаҳр (одатан минтақаи байни чор кӯчаи шаҳр). **2**. Чоряки сол; семоҳа; се моҳ. **3**. Қитъаи бешазор, ки аз қитъаҳои дигар ба воситаи роҳу пайраҳаҳо, ҷӯйҳо, сойҳо ва м. инҳо ҷудо шудааст. **4**. *таър.* Дар Россияи подшоҳӣ – воҳиди хурди маъмурӣ-политсиягӣ, ки ҳамагӣ якчанд кӯчаро дар бар мегирифт.

**КВАРТАЛӢ,** [< *квартал*]. Семоҳа; чоряксолӣ; ҳ и с о б о т и К. – ҳисоботи семоҳа; н о з и р и К. – дар Россияи подшоҳӣ – нозири як маҳалла (*квартал*).

**КВА́РТЕР,** [англ. quarter]. **1**. Воҳиди ҳаҷм дар Англия, ки ба 8 *бушел* ё ба 290,9 л баробар аст. **2**. Воҳиди вазн дар Британияи Кабир ва Амрикои Шимолӣ, ки ба 12,7 кг баробар аст.

**КВАРТЕРДЕ́К,** [англ. quarterdeck]. Саҳни баланди суфамонанди қисми пеши киштӣ.

**КВАРТЕРО́Н,** [исп. cuarteron]. Дар Амрико – насли аз заношӯии сафедпӯст ва мулат пайдошуда, яъне одаме, ки бобо ё модаркалонаш занги будааст.

**КВАРТЕ́Т,** [ит. quartetto < лот. quartus чорум]. *мус*. **1**. Асари мусиқӣ барои чор овоз ё чор асбоби мусиқӣ. **2**. Гурӯҳи иборат аз чор нафар навозанда.

**КВАРТИ́РА,** [ол. Quartier < лот. quartus чорум]. **1.** Манзили алоҳида дар биноҳои истиқоматии якошёна ё чандиношёна, ки аз хонаи хоб, меҳмонхона, ошхона, долон, ҳоҷатхона ва ғ. иборат аст. **2**. Хонаи истиқоматие, ки ба иҷора гирифта шудааст. **3**. Ҷои истиқомат ва хизмати қисми ҳарбӣ (мас., *рота, баталйон, полк* ва ғ.).

**КВАРТИРА́НТ,** [< *квартира*]. Иҷоранишин; шахсе, ки хонаи истиқоматиро ба иҷора гирифтааст.

**КВАРТИРМЕ́ЙСТЕР,** [ол. Quartiermeister]. **1**. Дар қувваҳои мусаллаҳи Британияи Кабир, ИМА ва баъзе мамлакатҳои диг., инчунин дар артиши Россияи подшоҳӣ – афсаре, ки ба таъминоту ҷобаҷокунии қисми ҳарбӣ мутасаддӣ аст. **2**. Дар артиши баъзе мамлакатҳо – сардори шуъбаи оперативии ситод.

**КВАРТИРЙЕ́Р (КВАРТИРЬЕ́Р),** [ол. Quartierherr]. Шахсе, ки ҳангоми аз ҷое ба ҷое рафтани қисми ҳарбӣ, бригадаи сохтмончиён, гурӯҳи сайёҳон ва м. инҳо пешакӣ барои тайёр кардани ҷои иқомат ё истироҳати онҳо фиристода мешавад.

**КВАРТС (КВАРЦ),** [ол. Quarz]. *маъд*. Минерал, диоксиди кремний; шаффоф, нимшаффоф ва гуногунранг мешавад; К.-и бунафш – аметист, дудрангаш – раухтопаз, зардаш – ситрин, сиёҳаш – морион, берангаш булӯри кӯҳӣ ном дорад; дар соҳаҳои гуногуни химия ва техника, инчунин дар кулолгарӣ ва заргарӣ истифода мешавад.

**КВАРТСИ́Т (КВАРЦИ́Т),** [< *квартс*]. *маъд*. Ҷинси кӯҳиии сахту зич, ки асосан аз квартс ва қисман аз минералҳои дигар иборат аст; бештар дар металлургия (ба сифати *флюс*), сохтмон (ба сифати санги ороишӣ) истифода мешавад. || Мқс. гнейс, гранит.

**КВАС,** [< лот. qassus мастшуда, гарангшуда]. Нӯшокии ташнагишикан, ки аз сумалаки ҷав, орди ҷавдор ва қандоб тайёр мекунанд.

**КВАТЕРНИО́НҲО,** [< лот. quaterni чортоӣ]. *мат*. Ададҳое, ки дар натиҷаи таъмими ададҳои комплексӣ ҳосил шудаанд; ҳар як катернион бо 4 адади ҳақиқӣ ($a, b, c, d$) муайян карда мешавад ва ба воситаи воҳидҳои базисӣ 1, $i, j, k$ дар намуди $x = a + bi + cj + dk$ ифода меёбад.

**КВАТРОЧЕ́НТО,** [< ит. quattrocento чорсад]. Номи асри 15 (давраи Эҳё) дар маданияти Италия. || Мқс. ренессанс.

**КВАШИО́РКОР,** [юн. kwashiorkor-syndroma]. *тиб.* Бемории кӯдакон, ки дар натиҷаи нарасидани сафеда дар организм ва вайрон шудани мубодилаи моддаҳо пайдо мешавад; кӯдакони гирифтори К. дар қадкашӣ ақиб монда, лоғар мешаванд.

**КВЕБРА́ХО, КЕБРА́ЧО,** [исп. quebracho]. *бот.* Навъи дарахт дар Америкои Ҷанубӣ, ки чӯбаш ниҳоят сахт аст; дар пӯстлох ва чӯби он моддаҳои даббоғӣ вуҷуд доранд, ки дар саноати чармгарӣ ва дорусозӣ истифода мешаванд.

**КВЕЗА́Л,** [исп. quetzal]. *зоол.* Ҷинси паранда, ки дар бешаҳои Америкои Марказӣ зиндагӣ мекунад; дарозиаш то 40 см; дар замонҳои қадим парандаи муқаддаси атстекҳо ва майя буд, ҳоло – рамзи давлатии Гватемала.

**КВЕРУЛЯ́НТ,** [< лот. querulus шикояткунанда]. Шикоятнавис; судбоз; шахсе, шикоятнависию судбозиро дӯст медорад ва аз ин кор ҳаловат мебарад.

**КВЕ́РШЛАГ,** [ол. Querschlag]. Дар конканӣ – нақби зеризаминии уфуқӣ ё андаке нишеб, ки барои кашондани бор, рафтуомади одамон ё берун баровардани об хизмат мекунад.

**КВЕСТ**, [англ. quest ҷустуҷӯ]. **1**. Навъи бозии зеҳнӣ, ки аз унсурҳои самтёбӣ дар шаҳр, бозиҳои компютерӣ, лоиҳаҳои омӯзишӣ иборат аст; аз иштирокчӣ талаб карда мешавад, ки мақсади гузошташударо бо роҳи ҳал намудани муаммоҳои чигил ва иҷрои супоришҳои мураккаб ба даст орад. **2**. Асари адабӣ, филм ё бозие, ки ба ҳамин жанр асос ёфтааст.

**КВЕСТ...**, [англ. quest ҷустуҷӯ]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки ба квест (ниг. *квест*) робита доштанро ифода мекунад, мас., квест-драйв, квест-бозӣ, квест-саёҳат.

**КВЕ́СТОР,** [лот. questor < quaezo ҷустуҷӯ кардан, тафтишот гузарондан]. **1**. Дар Рими Қадим – сардори хазинаи давлатӣ. || Мқс. магистрат. **2**. Дар парламенти баъзе давлатҳо – мудири шуъбаи маъмурию хоҷагӣ. **3**. Мансабдори полис дар Италия.

**КВЕСТУ́РА,** [лот. quaestura]. **1**. Шуъбаи маҳаллии полис дар Италия. **2**. Мансаб ва вазифаи *квестор*.

**КВИЕТИ́ЗМ,** [< лот. quietus осуда, ором]. **1**. *фалс.* Таълимоти динӣ, ки ҳама чизро аз қазо донистан, ба тақдир тан додан, фориғболона зистанро талқин мекунад; асри 17 дар дохили католитсизм ба вуҷуд омада буд. **2**. *маҷ.* Фориғболӣ, бепарвоӣ, нофаъолӣ.

**КВИ́НТА,** [< лот. quinta панҷум]. *мус.* **1**. Дараҷаи панҷуми *гаммаи* диатонӣ (ниг. *диатоника*). **2**. Тори якум ва аз ҳама баландсадои ғижжак.

**КВИНТА́Л,** [фр. quintal]. Воҳиди масса дар Испания, Португалия ва собиқ мустамликаҳои амрикоии онҳо, ки одатан ба 100 фунт ё 46 кг баробар аст (дар баъзе мамлакатҳо кам ё зиёд – аз 45 то 69 кг буда метавонад).

**КВИНТЕ́Т,** [< лот. quintus панҷум]. **1**. *мус*. Асари мусиқӣ барои панҷ асбоби мусиқӣ ё панҷ овоз. **2**. Ансамбли панҷнафара. || Мқс. дуэт, квартет.

**КВИНТИЛЛИО́Н, КВИНТИЛЬО́Н (КВИНТИЛЙО́Н),** [фр. quintillion]. Ҳазор квадриллион; ададе, ки бо рақами 1 ва 18 сифр (дар баъзе мамлакатҳо – бо 30 сифр) навишта мешавад.

**КВИНТИ́ЛУС,** [< лот. quintus панҷум]. Дар Рими қадим – моҳи панҷуми соли тақвимӣ.

**КВИНТЭССЕ́НСИЯ (КВИНТЭССЕ́НЦИЯ),** [< лот. quinta essentia асоси панҷум]. **1**. *фалс*. Дар фалсафаи атиқа– *эфир*, унсури панҷум, ки асоси ҷирмҳои осмониро ташкил медиҳад (бар хилофи чаҳор унсури заминӣ: об, хок, бод, оташ). **2**. *фалс*. Дар фалсафа ва кимиёи асримиёнагӣ – унсури ниҳоят нафис, ки гӯё асоси тамоми мавҷудот будааст. **3**. *маҷ*. Чизи муҳимтарин; ҷавҳар; моҳияти асосии чизе ё мафҳуме.

**КВИРИНА́Л,** [лот. Quirinalis]. **1**. Дар Рими қадим – яке аз ҳафт теппае, ки дар болои он шаҳри Рим сохта шудааст. **2**. Қароргоҳи президенти Италия (аз соли 1946). **3**. *маҷ*. Ҳукумати Италия.

**КВИРИ́ТҲО,** [лот. quirites]. *таър*. Шаҳрвандони комилҳуқуқи Рими Қадим.

**КВИТА́НСИЯ (КВИТА́НЦИЯ),** [< ҳол. kvitantie забонхат]. Расид; забонхат; ҳуҷҷати расмӣ дар бораи қабули пул ё ягон чиз.

**КВО́РУМ,** [лот. quorun]. Миқдори муайяни иштироккунандагони маҷлис, ки барои комилҳуқуқ дониста шудани маҷлис ё қонунӣ дониста шудани қарори он зарур аст; Қ. бо қарор, қонун ё оиннома муқаррар карда мешавад.

**КВО́ТА,** [< лот. quota қисм]. Ҳисса, саҳм, қисм; меъёри ҷоиз; К.-и интихобот – миқдори овозҳо, ки барои интихоби як вакил дар ин ё он ҳавзаи интихоботӣ зарур аст.

**КВО́ТЕР,** [< англ. quarter чоряк]. Тангаи ИМА, ки қурбаш ба 25 сент ё чоряк доллар баробар аст.

**КЕБ,** [англ. cab]. Фойтуни якаспа дар Англия.

**КЕ́ГЕЛ[1],** [ол. Kegel]. Кегелбозӣ; бозие, ки дар он бозигар ба воситаи ғелондани саққоҳо чилликҳои (кегелҳои) қатор чидашударо зада меафтонад.

**КЕ́ГЕЛ (КЕ́ГЕЛЬ)[2],** [ол. Kegel]. Ниг. *кегль (кегл)*.

**КЕГЕЛБА́Н (КЕГЕЛЬБА́Н),** [ол. Kegelbann]. **1**. Суфача барои гузоштани *кегелҳо* ва ғелондани саққоҳо. **2**. Кегелхона; хонае, ки барои кегелбозӣ ҷиҳозонида шудааст.

**КЕГЛ (КЕГЛЬ),** [ол. Kegel]. Андозаи ҳуруфи матбаа, ки бо андозаи *литера* муайян карда мешавад; К.-ро бо пунктҳо ҳисоб мекунанд (дар Тоҷикистон 1 пункт = 0,3759 мм аст).

**КЕДР,** [рус. < юн.kedros]. *бот.* Дарахти чалғӯза; як навъ дарахти ҳамешасабз аз оилаи санавбарҳо; дар кӯҳҳои Осиё ва Африқо мерӯяд.

**КЕ́ДИ (КЕ́ДЫ),** [рус. < чех. kecky]. Як навъ пойафзоли варзишии тагаш резинӣ.

**КЕЙВ-ДА́ЙВЕР**, [англ. cave diver < cave ғор + dive ғӯта задан]. Шахсе, ки бо кейв-дайвинг (ниг. *кейв-дайвинг*) машғул аст.

**КЕЙВ-ДА́ЙВИНГ**, [англ. cave diver < cave ғор + dive ғӯта задан]. Шиноварӣ дар зери об бо мақсади омӯхтани ғорҳои зериобӣ.

**КЕ́ЙВИНГ**, [англ. caving < cave ғор]. Навъи варзиш – самтёбӣ дар ғорҳо бо ёрии харита ё нақша.

**КЕЙС¹,** [англ. case]. Ҷомадонча; ҷузвдон. || Мқс. дипломат, портфел, саквояж, сумка.

**КЕЙС²,** [англ. case ҳодиса, воқеа]. Вазъият ё мисоли мушаххас аз фаъолияти тиҷоратии корхона, муассиса, ширкат, ки ба сифати маводи таълимӣ хизмат мекунад.

**КЕЙС-МЕ́ТОД,** [< англ. case ҳодиса, воқеа + метод усул]. Усули тадрис дар мактабҳо ё курсу семинарҳо, ки ба таҳлил ва омӯзиши кейсҳо (ниг. *кейс²*) асос ёфтааст.

**КЕЙС-СТА́ДИЙ,** [англ. case study]. Усули таълим, ки ҳангоми он донишҷӯён ва омӯзгорон бевосита дар муҳокимаи ин ё он вазъияти мушаххаси воқеӣ (*кейс²*) иштирок мекунанд.

**КЕ́ЙТЕРИНГ,** [англ. catering]. **1**. Намуди хизматрасонӣ – ба идораҳо (*офисҳо*) бурдани таом, инчунин ширкате, ки бо ин кор машғул аст. **2**. Маблағе, ки аз фурӯши чиптаҳо, инчунин аз ширкатҳои телевизионӣ барои намоиш додани мусобиқаҳои варзишӣ гирифта мешавад.

**КЕК,** [англ. cake]. Қабати зарраҳои сахт, ки баъди соф кардани моеъҳои ғализ таҳшин мешаванд.

**КЕКС,** [англ. cakes]. Нон ё кулчаи қандини мавиздор.

**КЕ́ЛАР (КЕ́ЛАРЬ),** [< юн. kellarios анборбон]. Роҳиби калисои православӣ, ки ба амвол ва корҳои хоҷагии дайр роҳбарӣ мекунад.

**КЕЛО́ИД,** [< юн. kele варам + eidos намуд]. *тиб.* Варами омосшакли бофтаҳои пӯст, ки дар ҷойҳои латхӯрда ё захмдоршудаи бадан, баъзан дар пӯсти солим пайдо мешавад.

**КЕ́ЛВИН (КЕ́ЛЬВИН),** [англ. kelvin – аз номи физики англис У. Келвин (1824 1907)]. *физ.* Воҳиди ҳарорати термодинамикӣ дар Системаи воҳидҳои байналхалқӣ (СИ);

ишораташ К; 1 К ба 1/273,16 ҳиссаи ҳарорати термодинамикии нуқтаи сегонаи об баробар аст.

**КЕ́ЛМА (КЕ́ЛЬМА),** [< ол. Kelle белча]. Андовачаи секунҷа, ки дар хиштчинӣ ва ловидани девор ба кор мебаранд. || Мқс. мастерок.

**КЕ́ЛНЕР (КЕ́ЛЬНЕР),** [ол. Kellner]. Дар баъзе мамлакатҳо – пешхизмати тарабхона, пивохона.

**КЕЛТ (КЕЛЬТ),** [< лот. celtus искана]. Асбоби табармонанди қадима, ки дар давраи биринҷӣ барои буридану тарошидани чӯб ва заминканӣ истифода мешуд.

**КЕЛТИБЕ́РИ (КЕЛЬТИБЕ́РИ),** [< лот. Celtiberi]. Номи қабилаи қадимае дар қисми шимолу шарқии Испания, ки аз омехташавии иберҳо ва келтҳо пайдо шудааст.

**КЕЛТОЛО́ГИЯ (КЕЛЬТОЛО́ГИЯ),** [< келтҳо + *...логия*]. Келтшиносӣ; илме, ки фарҳанг, таърих ва забони *келтҳоро* таҳқиқ мекунад.

**КЕ́ЛТҲО (КЕ́ЛЬТҲО),** [лот. Celtae]. Қабилаҳои қадимаи ҳиндуаврупоӣ (белгҳо, бойҳо, галветҳо, секванҳо ва ғ.), ки дар нимаи 2-юми асри 1 пеш аз милод дар Аврупои Марказӣ маскун буданд.

**КЕ́ЛЯ (КЕ́ЛЬЯ),** [< лот. cella кулбача]. Хонақоҳ; кулбачаи алоҳидаи роҳиб ё роҳиба дар дайр.

**КЕ́МБРИЙ,** [англ. < келт. Cambria]. *геол.* Давраи якуми *палеозой* дар таърихи геологии Замин; тақрибан 70 млн сол давом кардааст. || Мқс. девон, карбон[1].

**КЕ́МПЕР, КЕ́МПЕР-ВЭН**, [англ. camper, camper van]. Автомобили беядак ё ядакдори махсус ҷиҳозонидашуда, ки ҳангоми саёҳат дар даруни он зиндагӣ кардан мумкин аст.

**КЕ́МПИНГ,** [англ. campinq]. *Лагери* тобистона барои сайёҳони автомобилдор, ки аз хаймаҳо ё хоначаҳои сабук, майдончаҳои мошиншӯӣ ва диг. нуқтаҳои хизматрасонӣ иборат аст.

**КЕН,** [яп.]. Андозаи дарозӣ дар Япония, ки ба 1,818 м баробар аст.

**КЕНА́Ф,** [лот. cannabis]. Ниг. *канаб.*

**КЕНГУРУ́,** [англ. kengaroo]. *зоол.* Ҳайвони ширхӯри халтадор, ки пойҳои пешаш кӯтоҳу пойҳои ақибаш дарозанд; асосан дар Австралия зиндагӣ мекунанд (зиёда аз 50 намуд).

**КЕНОТРО́Н,** [< юн. kenos холӣ + *...трон*]. *физ. Диоди* электровакуумӣ, ки барои рост кардани ҷараёни тағйирёбанда истифода мешавад; ҳоло ба ҷои К. диодҳои нимноқилиро кор мефармоянд.

**КЕНТА́ВР, СЕНТА́ВР (ЦЕНТА́ВР),** [юн. Kentauros]. **1**. Дар асотири Юнони қадим – махлуқи афсонавие, ки ними баданаш ба бадани одам ва ними дигараш ба бадани асп монанд аст. || Мқс. Минотавр. **2**. *астр*. Бурҷе дар Нимкураи Ҷанубии осмон.

**КЕ́ПИ,** [англ., фр. kepi]. Кулоҳи расмии пешаш лапардор.

**КЕ́ПКА,** [ рус. < англ., фр. kepi]. Ниг. *кепи.*

**КЕРАМЗИ́Т,** [< юн. keramos гил]. Масолеҳи шағалмонанди дарункововк, ки дар натиҷаи пухтани ҷинсҳои гилин ҳосил мешавад; дар сохтмон ба кор мебаранд.

**КЕРАМЗИТОБЕТО́Н,** [*керамзит* + *бетон*]. Як навъ *бетони* сабук, ки асосашро керамзит ташкил медиҳад; аз К. тахтабетонҳои сабуку мустаҳкам тайёр мекунанд.

**КЕРА́МИКА,** [< юн. keramike techne санъати кулолгарӣ]. **1**. Сафолот; маснуоту маводе, ки аз гили пухта тайёр карда мешавад (аз хишт сар карда, то чинивор). **2**. Пешаи кулолгарӣ; санъати кулолгарӣ.

**КЕРАРГИРИ́Т,** [< юн. keros шох + arqyros нуқра]. *маъд. Хлориди* табиии нуқра (ба истилоҳи дигар – нуқраи шохӣ).

**КЕРАТИ́НҲО,** [< юн. keros (keratos) шох]. *биол.* Сафедаҳои нахдоре, ки асоси қабати шохии пӯст, мӯй, пар, нохун, пулакча, шох, сум ва м. инҳоро ташкил медиҳанд.

**КЕРАТИ́Т,** [< юн. keros (keratos) шох]. *тиб.* Варами пардаи қарнияи чашм.

**КЕРАТОГЛО́БУС,** [< юн. keros (keratos) шох + *глобус*]. *тиб.* Қарнияи нимкура; барҷастагии нимкурашакли қарнияи чашм, ки бештар дар натиҷаи *глаукома* пайдо мешавад.

**КЕРАТОДЕРМАТИ́Т,** [< юн. keros (keratos) шох + derma пӯст]. *тиб.* Варами қабати шохии пӯст.

**КЕРАТО́З,** [< юн. keros (keratos) шох]. *тиб.* Ғафсшавии қабати шохии пӯст; ҳангоми баъзе бемориҳои пӯст пайдо мешавад.

**КЕРАТОЛЕЙКО́МА**, [< юн. keros (keratos) шох + *лейкома*]. *тиб.* Тухмаки чашм; холи сафеди қарния.

**КЕРАТОМЕ́ТР,** [< юн. keros (keratos) шох + *…метр*]. *тиб.* Асбоб барои чен кардани каҷии чашм.

**КЕРАТОПЛА́СТИКА,** [< юн. keros (keratos) шох + *пластика*]. *тиб.* Бо роҳи ҷарроҳӣ часпондани қарнияи чашм; К.-ро бо мақсади барқарор намудани босира ҳангоми хирашавии қарнияи чашм, инчунин бо мақсади пардоздиҳӣ (косметикӣ) истифода мебаранд.

**КЕРАТОТОМИ́Я,** [< юн. keros (keratos) шох + tome чок кардан]. *тиб.* Бо роҳи ҷарроҳӣ чок кардани қарнияи чашм бо мақсади барқарор намудани босира.

**КЕ́РВЕЛ (КЕ́РВЕЛЬ),** [ҳол. kervel]. *бот.* Растании яксола аз оилаи чатргулҳо, ки дар Аврупо мерӯяд; гулҳояшро дар таббохӣ ва қаннодӣ ба сифати доруи лаззатфизо истифода мебаранд.

**КЁРЛИНГ, КЭ́РЛИНГ,** [англ. curling]. Як навъ бозии варзишии шотландӣ дар рӯи ях бо иштироки ду дастаи 4-нафарӣ; варзишгарони ҳар даста бо навбат сангҳои

худро ба сӯи ҳадаф, ки дар маркази майдон ҷойгир шудааст, тела дода, кӯшиш мекунанд, ки санги ҳарифро аз он ҷо зада бароранд.

**КЕРМЕ́ТҲО,** [*керамика* + *металл*]. Масолеҳи сафолию металлӣ; бо роҳи пухтани хокаҳои металлӣ ва керамикӣ (сафолӣ) ҳосил карда мешавад; дар истеҳсоли турбина, муҳаррики ҳавопаймо, асбобҳои металлбурӣ ва м. инҳо истифода мебаранд.

**КЕРН,** [ол. Kern]. **1**. *геол*. Намунаи лӯлашакли ҷинси кӯҳӣ, ки аз пармачоҳ бо ёрии ғулба гирифта мешавад; К. барои омӯхтани ҷинсҳои кӯҳии нопадид, муқаррар намудани конҳо, ҳисоб кардани захираи сарватҳои зеризаминӣ аҳамияти калон дорад. **2**. Изи пӯлодқалам (*кернер*) дар рӯи ягон чизи металлӣ барои чен карда буридан ё тарошидани он. **3**. *тех*. Тири пӯлодини қисмҳои ҳаракаткунандаи асбобҳои андозагирии электрикӣ. **4**. *астр*. Қисми марказӣ ва нисбатан зичи мағзи (*ядрои*) ин ё он *галактика*.

**КЕ́РНЕР,** [< ол. Kerner]. Пӯлодқалам; асбоби нӯгтез барои хат кашидан ё нуқта гузоштан дар рӯи ягон чизи металлӣ барои чен карда буридан ё тарошидани он.

**КЕРОСИ́Н,** [< англ. kerosene < юн. keros мум]. Ниг. *карасин*.

**КЕСАРӢ,** [< лот. sectio caesarea]. *тиб*. Ч о к и  к е с а р ӣ – бо роҳи ҷарроҳӣ гирифтани кӯдак аз батни модар; ин ҷарроҳиро дар мавриди бо роҳи табиӣ зоида натавонистани зан ба ҷо меоранд.

**КЕСАР (КЕ́САРЬ),** [< юн. kaisar < лот. Caesar]. Ниг. *қайсар*.

**КЕ́ТА,** [< нанай. keta моҳӣ]. *зоол*. Моҳии қиматбаҳои сайдбоб аз оилаи озодмоҳиҳо (лососҳо); дар қисми шимолии укёнуси Ором зиндагӣ мекунад.

**КЕТГУ́Т,** [< англ. catgut рӯдаи гурба]. *тиб*. Рӯдариишта; риштае, ки аз рӯдаи бузу гӯсфанд тайёр мекунанд ва ҳангоми ҷарроҳӣ ҷои ҷарроҳиро бо он медӯзанд; дар давоми 1-3 ҳафта дар бофтаҳои бадан ҳал мешавад.

**КЕТЕ́НҲО,** [англ. ketene]. *хим*. Пайвастҳои органикии дорои гурӯҳи карбонилӣ (C=O); дар истеҳсоли *атсетилселлюлоза*, *ангидриди* сирко ва ғ. истифода мешаванд.

**КЕТО́З[1],** [< лот. ketosis]. **1**. *тиб*. Ғуншавии ҷисмҳои кетонӣ дар бадан. **2**. *байт*. Бемории ғайрисироятии гов, гӯсфанд ва хук, ки дар натиҷаи вайроншавии мубодилаи моддаҳо, ғизодиҳӣ ва парвариши нодуруст пайдо мешавад; бо заҳролудшавӣ ва ихтилоли системаи марказии асаб зоҳир мегардад.

**КЕТО́З[2],** [< англ. cetone + *сахароза*]. *хим*. Моносахарид (*сорбоза, фруктоза* ва ғ.), ки дар молекулаҳои он гурӯҳи кетонӣ (–C=O) вуҷуд дорад.

**КЕТО́НҲО,** [англ. cetone]. *хим*. Моддаҳои органикие, ки гурӯҳи карбонил (>C=O)-и бо ду радикали органикӣ пайвастшуда доранд; дар истеҳсоли наххои синтетикӣ, атриёт, ҳалкунандаҳо ва ғ. истифода мешаванд.

**КЕТСА́Л (КЕТСА́ЛЬ),** [исп. quetzal < ҳинд. Ам.]. **1**. *зоол.* Паранда аз оилаи трогонҳо, ки дар Амрикои Марказӣ зиндагӣ мекунад; дарозиаш то 40 см; *квезал* низ гӯянд. **2**. Воҳиди пули Гватемала, ки ба 100 сентаво баробар аст.

**КЕТУБА́**, [ивр.]. Дар дини яҳудиён – шартномаи никоҳ, ки дар он маҳр, шартҳои ҷудошавӣ ва масъалаҳои диг. зикр ёфтаанд; дар ҳузури *раввин* тартиб дода мешавад. || Мқс. ксива.

**КЕТЧ**, [< англ. catch < to catch доштан, қапидан]. Муҳорибаи беқоида; муҳорибаи ду нафар, ки дар он қариб ҳамаи усулҳои занозанӣ равост; дар ИМА ба вуҷуд омадааст.

**КЕ́ТЧУП,** [англ. ketchup]. Қайлаи тез, ки бо таомҳои гӯштӣ, моҳӣ ва м. инҳо мехӯранд; аз афшураи помидор ва дорувор тайёр карда мешавад.

**КЕФА́Л (КЕФА́ЛЬ),** [< юн. kephal сар, калла]. *зоол.* Як навъ моҳии баҳрӣ; дарозиаш то 0,5 м, вазнаш то 7 кг (зиёда аз 100 намуд).

**КЕФАЛОМЕ́ТРИЯ,** [< юн. kephal сар, калла + *...метрия*]. Усули андозагирии сари одам бо ёрии асбобҳои *антропометрӣ*.

**КЕФИ́Р,** [гурҷ.]. Навъе аз маҳсулоти ширӣ, ки ба ҷурғот монанд аст; аз шири гов ва бактерияҳои махсус тайёр мекунанд. || Мқс. айрон.

**КЕЧ,** [англ. ketch]. Як навъ киштии хурди бодбондори дусутуна.

**КЕ́ЧУА, КИ́ЧУА,** [афр.]. **1**. Қабилаҳои ҳиндуи Амрикои Ҷанубӣ, авлоди инкҳо. **2**. Забони ҳамин қабила, ки яке аз забонҳои расмии Перу ва Боливия ба ҳисоб меравад.

**КЕ́ШЮ (КЕ́ШЬЮ),** [ҳинд. Ам.]. Чормағзи бразилӣ; дарахте аз оилаи татумҳо, ки чормағзаш хӯрданбоб буда, аз пӯсташ равған ҳосил мекунанд, чӯбаш сахт ва ба пӯсиш тобовар аст; *анакардиум* низ гӯянд.

**КИАНИ́Т**, [англ. kyanite]. *маъд.* Минерале, ки аз силикати алюминий таркиб ёфтааст ва аз он маснуоти ба оташ, кислота ва ишқор тобовар тайёр мекунанд; *дистен* низ гӯянд.

**КИБЕ́ЛА,** [юн. Kybela]. Дар асотири аҳди атиқа – модари худоҳо ва тамоми махлуқоти рӯи замин.

**КИБЕР-...,** [< юн. kybernetike]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки ба *кибернетика* робита доштани ин калимаҳоро ифода мекунад, мас., кибер-мошин, кибер-фазо.

**КИБЕРБУ́ЛЛИНГ,** [англ. cyberbullying]. Таъқиб, таҳқир, таҳдид, паҳн намудани хабарҳои бадномкунанда бо ёрии воситаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, мас., шабакаҳои интернет.

**КИБЕРМО́ББИНГ,** [англ. cybermobbing]. Ниг. *кибербуллинг*.

**КИБЕРНЕ́ТИКА,** [< юн. kybernetike]. Илм дар бораи қонуниятҳои умумии чараёни идоракунӣ, алоқа ва интиқоли иттилоот; К. принсипҳои умумии бунёд намудани системаи идоракунӣ ва системаи автоматикунонии меҳнати фикриро кор карда мебарояд.

**КИ́БОРГ,** [англ. cyborg]. Роботи одамшакл; *гуманоиди* фантастикӣ, ки аз маводи ғайрибиологӣ сохта шудааст, мас., дар кинофилми «Терминатор» – аз металли моеъ.

**КИБУ́Ц (КИБУ́ТС),** [ивр.]. Дар Исроил – ташкилоти дастаҷамъӣ (коллективӣ), ки дар он моликияти хусусӣ вуҷуд надорад ва тамоми воситаҳои истеҳсолот умумӣ мебошанд; К.-ҳо асосан бо кишоварзӣ ва истеҳсоли молҳои сермасриф машғуланд. || Мқс. колхоз.

**КИ́ВЕР,** [пол. kiwior]. Кулоҳи ҳарбии силиндршакли болояш ҳамвор ва пешаш лапардор дар артиши мамлакатҳои Аврупо (ох. асри 19 – ав. асри 20); аз чарм ва моҳут дӯхта мешуд.

**КИ́ВИ[1],** [острал.]. *зоол.* Як навъ парандаи бебол, ки дар ҷангалҳои амбуҳ ва сернами Зеландияи Нав зиндагӣ мекунад; дарозиаш 0,5 0,8 м; баданаш бо парҳои мӯйшакл пӯшида шудааст.

**КИ́ВИ[2],** [англ. kiwi < острал.]. *бот. Актинидияи* чинӣ; як навъ дарахте, ки дар Чин, Африқои Ҷанубӣ ва Зеландияи Нав парвариш мекунанд; меваааш байзашакл буда, пӯсти сахти қаҳваранг ва мағзи сабзтоби ширин дорад.

**КИДНА́П,** [англ. kidnap < kid кӯдак + to nap дуздидан]. Ниг. *киднеппинг.*

**КИДНЕ́ППИНГ,** [англ. kidnapping < kid кӯдак + to nap дуздидан]. Одамрабоӣ; дуздидани одамон, асосан, кӯдакон, бо ягон мақсади ғаразнок, мас., маблағситонӣ.

**КИЗЕЛГУ́Р (КИЗЕЛЬГУ́Р),** [ол. Kieselgur]. Ниг. *диатомит.*

**КИЙ,** [пол. kij]. Чӯби билярдбозӣ.

**КИКБО́КСИНГ,** [англ. kickboxing < kick зарба + boxing муштзанӣ]. *варз.* Яке аз намудҳои муштҷанг (*бокс*), ки дар он на фақат бо мушт, балки бо пой низ зарба задан мумкин аст.

**КИ́КЕР**, [англ. kicker]. Футболи рӯимизӣ, ки бо он асосан кӯдакону наврасон бозӣ мекунанд.

**КИКС,** [англ. kick зарба]. Дар варзиш – зарбаи хато, бебарор.

**КИЛЕ́КТОР,** [ҳол. kiellichter < kiel шоҳтир + lichter киштии боркаш]. Киштие, ки дар қисми пешаш ҷиҳози пурқуввати борбардор дорад.

**КИ́ЛЛЕР,** [англ. killer < to kill куштан]. Қотили касбӣ; қотили кироя.

**КИЛО́,** [кӯтоҳшудаи килограмм]. Ниг. *килограмм.*

**КИЛО...**, [< юн. chilioi ҳазор]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки рақами «ҳазор»-ро ифода мекунад, мас., килограмм (1000 грамм).

**КИЛОБА́ЙТ,** [< *кило…* + *байт*]. *инф.* Воҳиди ҳаҷми хотираи *компютер*, ки ба 1024 байт баробар аст. || Мқс. гигабайт, мегабайт.

**КИЛОБИ́Т,** [< *кило…* + *бит*]. *инф.* Воҳиди микдори иттилоот дар системаи дугонаи ҳисоб, ки ба 1000 *бит* баробар аст.

**КИЛОВА́ТТ,** [< *кило…* + *ватт*]. Воҳиди тавоноӣ, ки ба ҳазор *ватт* ё ба 1,36 қувваи асп баробар аст; бо кВт ишора мекунанд.

**КИЛОВО́ЛТ (КИЛОВО́ЛЬТ),** [< *кило…* + *волт*]. Воҳиди шиддати электр, ки ба ҳазор *волт* баробар аст; бо кВ ишора мекунанд.

**КИЛОГЕ́РТС (КИЛОГЕ́РЦ),** [< *кило…* + *гертс*]. Воҳиди басомади лаппиш, ки ба ҳарзор *гертс* баробар аст; бо кГтс ишора мекунанд.

**КИЛОГРА́ММ,** [< *кило…* + *грамм*]. Воҳиди асосии масса дар Системаи байналмилалии воҳидҳо (СИ), ки ба ҳазор *грамм* баробар аст; бо кг ишора мекунанд.

**КИЛОМЕ́ТР,** [< *кило…* + *метр*]. Воҳиди дарозӣ дар Системаи байналмилалии воҳидҳо (СИ), ки ба ҳазор *метр* баробар аст; бо км ишора мекунанд.

**КИЛОМЕТРА́Ж,** [< *километр*]. Дарозии ягон чиз, мас., роҳ, ба ҳисоби *километр.*

**КИЛОПАРСЕ́К,** [< *кило…* + *парсек*]. *астр.* Воҳиди масофаи кайҳонӣ, ки ба 1000 *парсек* баробар аст (1 парсек = 3,26 соли рӯшноӣ); бо кпк ишора мекунанд.

**КИЛОПО́НД,** [< *кило…* + англ. pound *фунт*]. **1**. Номи килограмм-қувва дар баъзе мамлакатҳои Аврупо. **2**. Воҳиди қувва дар системаи байналмилалии воҳидҳо, ки ба 9,80655 *нютон* баробар аст.

**КИЛОТО́ННА,** [< *кило…* + *тонна*]. Воҳиди иқтидори заряди ядроӣ, ки ба қувваи таркиши 1000 тонна *тротил* (*тринитротолуол*) баробар аст.

**КИЛ (КИЛЬ),** [< ҳол. kiel шоҳтир]. **1**. *зоол.* Гурми қафаси сина, ки барои пурқувваттар шудани мушакҳои сина ёрӣ мерасонад; дар парандаҳо хуб инкишоф ёфтааст. **2**. Синҷи киштӣ. **3**. Тиргаки амудии думи ҳавопаймо. **4**. *астр.* Галаситора дар Нимкураи Ҷанубии осмон.

**КИЛБЛО́К (КИЛЬБЛО́К),** [англ. keelblock]. **1**. Тиргаки таги киштӣ. **2**. Тагмон барои гузоштани заврақ дар саҳни киштӣ ё дар соҳил.

**КИЛВА́ТЕР (КИЛЬВА́ТЕР),** [< ҳол. kiel синҷ + water об]. **1**. Изе, ки аз паси киштии шинокунанда дар рӯи об мемонад. **2**. Қатори киштиҳое, ки паси ҳам ба як самт шино мекунанд.

**КИ́ЛКА (КИ́ЛЬКА),** [рус. < эст. kilu]. *зоол.* Моҳии хурди сайдбоб аз оилаи селдҳо.

**КИ́ЛСОН (КИ́ЛЬСОН),** [англ. keelson]. Шоҳтири уфуқии киштӣ.

**КИМ,** [рус. кӯтоҳшудаи Коммунистический Интернационал Молодежи]. Интернатсионали Коммунистии Ҷавонон, ки аз с. 1919 то с. 1943 вуҷуд дошт.

**(КИЛЬТ),** [англ. kilt]. *Юбкаи* мардонаи катакчадор – либоси миллии **КИЛТ** шотландиҳо.

**КИМА́КҲО,** [турк.]. Иттиҳоди қабилаҳои турк, ки дар асрҳои 8 – 10 қад-қади дарёи Иртиш зиндагӣ мекарданд; К.-и ғарбиро половетсҳо (қипчоқҳо) меноманд.

**КИМАТОПА́ТИЯ,** [юн. kymatopathia]. *тиб.* Ҳамаи бемориҳои давраи батнимодарӣ.

**КИМБЕРЛИ́Т,** [англ. kimberlite – аз номи ш. Киберлии Африкаи Ҷанубӣ]. *геол.* Ҷинси кӯҳии магмавии сиёҳи сабзтоб, баъзан кабуттоб, ки ба *брекчия* монанд аст (ниг. брекчия); аз К. асосан алмос ҳосил мекунанд.

**КИМВА́Л,** [< юн. kymbalon лаълии металлӣ]. Асбоби мусиқии қадимӣ; аз ду лаъличае иборат аст, ки ҳангоми ба якдигар задан садо мебароранд. || Мқс. литавр.

**КИМО́ГРАФ,** [< юн. kyma мавҷ + grapho менависам]. **1**. *тех., тиб.* Асбоб барои сабти графикии ҳолатҳои физиологӣ (кори дил, кашишхӯрии мушакҳо ва ғ.). **2**. *тех., збш.* Асбоб барои сабти овозҳои гуногуни нутқ дар *фонетикаи* таҷрибавӣ.

**КИМОНО́,** [яп. kimono < ki пӯшидан + mono либос]. Хилъати миллии мардона ва занонаи японҳо; миёнбанд ва остинҳои дарозу кушод дорад.

**КИН,** [яп. kin]. Воҳиди масса дар Япония, ки ба 0,6 кг баробар аст.

**КИ́НА,** [англ. kina < полинезӣ]. Воҳиди пули Папуа-Гвинеяи Нав.

**КИНГ,** [< англ. king шоҳ]. **1**. Яке аз намудҳои қартабозӣ. || Мқс. баккара, покер. **2**. *бот.* Растании бисёрсола аз оилаи чилликгулҳо; баландиаш то 2 м; чун хӯроки чорво истифода мешавад.

**КИНГСТО́Н,** [англ. kingston – аз номи ширкати амрикоии Kingstone]. Сарпӯш (*клапан*) дар қисми зериобии киштӣ барои ба киштӣ сар додан ё аз киштӣ берун партофтани об.

**КИНДА́РК, КИНДА́РКА,** [алб.]. Воҳиди пули Албания, ки ба 0,01 лек баробар аст.

**КИНЕ..., КИНЕЗИО...,** [юн. kine…, kinesio…]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки ҳаракат, ҷунбишро ифода мекунад, мас., *кинезалгия*.

**КИНЕЗАЛГИ́Я (КИНЕЗАЛЬГИ́Я),** [юн. kinesalgia]. *тиб*. Мушакдард; дарде, ки ҳангоми кор кардани мушакҳо пайдо мешавад.

**КИНЕ́МА,** [< юн. kinema ҳаракат]. *збш*. Аломати фарқкунандаи талаффуз (*артикулятсия*); К. кори ҳар як узви нутқро дар талаффузи ин ё он овоз ифода мекунад, мас., овози «м» аз се кинема иборат аст: лабӣ, ҳалқӣ, биниги̇̄.

**КИНЕМА́ТИКА,** [< юн. kinema ҳаракат]. Соҳаи *механика*, ки хусусиятҳои геометрии ҳаракати ҷисмро таҳқиқ менамояд. || Мқс. динамика, кинетика.

**КИНЕМАТО́ГРАФ,** [< юн. kinema (kinematos) ҳаракат + grapho менависам]. **1**. *кӯҳна*. Дастгоҳи киногирӣ. **2**. *кӯҳна*. Толори кинонамоишдиҳӣ (ниг. *кинотеатр*). **2**. Санъати кино (ниг. *кинематография*).

**КИНЕМАТОГРА́ФИЯ,** [< юн. kinema (kinematos) ҳаракат + grapho менависам]. Санъати кино; соҳаи фарҳанг ва саноат, ки бо истеҳсоли филмҳо ва намоиш додани онҳо машғул аст.

**КИНЕ́СИКА,** [< юн. kinema ҳаракат]. Маҷмуи имову ишора ва дигар ҳаракатҳои бадан (ғайр аз ҳаракати узвҳои нутқ), ки дар рафти муоширати инсон истифода мешаванд.

**КИНЕСКО́П,** [< юн. kineo ба ҳаракат меорам + skopeo нигоҳ мекунам]. Карнайи электронӣ-шуоии экрандор, ки дар телевизор, монитори компютер ва м. инҳо барои қабул кардану нишон додани тасвирҳо истифода мешавад.

**КИНЕТИ́ЗМ,** [< юн. kinema (kinematos) ҳаракат]. *санъ*. Равияи санъат, ки дар асарҳои худ таҷҳизоти ҳаракаткунанда, рӯшноидиҳанда, садодиҳандаро истифода мебарад, мас., муҷассамачаҳои ҳаракаткунанда дар соатҳои деворӣ, фавворaҳои нурафшони мусиқидор ва м. инҳо; К. дар *реклама*, ороиши саҳнаи театрҳо, биноҳо, боғҳо ва ғ. истифода мешавад.

**КИНЕ́ТИКА,** [< юн. kinematos ҳаракатдиҳанда]. Илм дар бораи ҳаракат ва қувваҳои физикие, ки ба ин ҳаракат сабаб мешаванд; К. *статика* ва *динамикаро* дар бар гирифта, яке аз қисмҳои асосии механика ба шумор меравад.

**КИНЕТИКӢ,** [< *кинетика*]. Мансуб ба ҳаракат; энергияи К. – энергияи ҳаракати механикӣ; назарияи кинетикии газҳо – фасли физика, ки хосияти газҳо, сабабҳои ҳаракати бетартибонаи газҳо ва ба якдигар бархӯрдани молекулаҳои онҳоро меомӯзад.

**КИНЕТОКАРДИОГРА́ФИЯ,** [< юн. kinema (kinematos) ҳаракат + *кардио*… +…*графия*]. *тиб*. Сабти ларзиши пастбасомади девори қафаси сина ва миқдори кашишхӯрии дил бо ёрии хабардиҳаки (*датчики*) электрикие, ки ба қафаси сина гузошта мешавад.

**КИНЕТОСКО́П,** [< юн. kinetos ҳаракаткунанда + skopeo нигоҳ мекунам]. *кӯҳна.* Дастгоҳ барои тамошо кардани суратҳои зуд-зуд ивазшаванда.

**КИНИ́ЗМ,** [< юн. kynikos – аз номи теппаи Киносарг (Kynosarges), ки дар Афина воқеъ шудааст; дар ин ҷо Антисфен ба шогирдонаш дарс медод]. Мактаби фалсафии шогирди Суқрот Антисфен (тақр. с.-ҳои 450 – 360 то милод); пайравони К. ҳар гуна расму одат ва меъёрҳои ахлоқии машрутро инкор намуда, ба озодии мутлақи рӯҳӣ ва бозгашт ба табиат даъват мекарданд.

**КИ́НИК, СИ́НИК (ЦИ́НИК),** [< *кинизм*]. Пайрави *кинизм.*

**КИНИ́НҲО,** [англ. kinin]. *биол.* **1**. Гурӯҳи гормонҳои растанӣ. **2**. Моддаҳои аз ҷиҳати биологӣ фаъоли (*пептидҳои*) одам ва ҳайвонот, ки дар хун ҳосил мешаванд; мушакҳои рагҳоро суст ва *капиллярҳоро* фаъол мекунанд.

**КИНКА́Н,** [< хит.]. *бот.* Буттаи ҳамешсабзи мевадиҳанда аз оилаи испандҳо; дар кишварҳои гарм мерӯяд (6 намуд); аз мевааш мураббо мепазанд.

**КИНО́,** [< юн. kinema (kinematos) ҳаракат]. Номи ихтисоршудаи санъати кино, кинематография, кинофилм ё кинотеатр.

**КИНО…,** [< юн. kinema (kinematos) ҳаракат]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки бо кинематография робита доштанро ифода мекунад, мас., киножурнал, кинотеатр.

**КИНОАКТЁ́Р,** [< *кино…* + *актёр*]. Артисти кино.

**КИНОАППАРА́Т,** [< *кино…* + *аппарат*]. Ниг. *кинокамера.*

**КИНОАППАРАТУ́РА,** [< *кино…* + *аппаратура*]. Ҷамъи дастгоҳу таҷҳизоти киногирӣ ва кинонамоишдиҳӣ.

**КИНОАРХИ́В,** [< *кино…* + *архив*]. Кинобойгонӣ; бойгонии наворҳои кино; *синематека* ё *филмотека* низ гӯянд.

**КИ́НОВАР (КИ́НОВАРЬ),** [юн. kinnabari]. *маъд.* Шангарф; *моносулфиди* симоб; минерали сурхе, ки аз он симоб ҳосил мекунанд.

**КИНОДРАМАТУРГИ́Я,** [< *кино…* + *драматургия*]. Як намуди эҷоди адабӣ-кинематографӣ; асари К. – стсенария – асоси ғоявию бадеии филм ба шумор меравад.

**КИНОЖУРНА́Л,** [< *кино…* + *журнал*]. Филми ҳаҷман хурди даврие, ки аз ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии мамлакат ва ҷаҳон, инчунин аз комёбиҳои илму техника нақл мекунад; К. ҳаҷвӣ ва кӯдакона низ мешавад; К.-ро одатан дар кинотеатрҳо пеш аз филми бадеӣ намоиш медиҳанд.

**КИНОКА́МЕРА,** [< *кино…* + *камера*]. Дастгоҳи оптикию механикӣ ва вақтҳои охир электронӣ-рақамии киногирӣ (наворбардорӣ).

**КИНОЛО́ГИЯ,** [< юн. kyon (kynos) саг + *…логия*]. Сагшиносӣ; илм дар бораи сагҳо, зоти сагҳо ва нигоҳубини онҳо.

**КИНОРЕЖИССЁ́Р,** [< *кино…* + *режиссёр*]. Таҳиягари филм, коргардон.

**КИНОСТУ́ДИЯ,** [< *кино…* + *студия*]. Муассисае, ки филмҳои бадеӣ, ҳуҷҷатӣ, илмию оммавӣ ва ғ. истеҳсол мекунад.

**КИНОФЕСТИВА́Л,** [< *кино…* + *фестивал*]. Намоиши мусобиқавии осори санъати кино, ки ҳар сари чанд вақт бо мақсади муайян намудани филмҳои беҳтарин, равияҳои тозаи рушди кинематография ва мубодилаи таҷрибаи эҷодӣ гузаронда мешавад.

**КИОНИ́Т,** [юн. kionitis]. *тиб*. Варами забонак.

**КИО́Т,** [< юн. kibotos қуттӣ]. Ҷевон, раф ё тоқчаи пешаш шишагӣ барои гузоштани *иконаҳо*.

**КИП,** [лаос.]. Воҳиди пули Лаос, ки ба 100 ат баробар аст.

**КИПА́,** [яҳ. қад.]. Тоқичаи гирде, ки яҳудиёни диндор мепӯшанд.

**КИПАРИ́С,** [< юн. kyparissos]. Сарв; дарахти ҳамешасабзи ҷанубӣ, ки то 30 м қад мекашад (10-15 намуд).

**КИПРЕ́ГЕЛ (КИПРЕ́ГЕЛЬ),** [ол. Kippregel]. *геод*. Асбоби геодезӣ, ки бо он самт, масофа ва баландиро муайян мекунанд.

**КИРА́СА,** [фр. cuirasse]. *таър*. Чоройна; як навъи ҷавшани замонҳои пеш, ки қафаси сина, китф ва тахтапушти соҳибашро аз зарбаи найзаву шамшер муҳофизат мекард.

**КИРАСИ́РҲО,** [< фр. cuirasse]. *таър*. Сипоҳиёни савораи ҷавшанпӯш (кирасапӯш) дар лашкарҳои Аврупои асрҳои 16 – 19.

**КИРЕНА́ИКҲО,** [< юн. Kyrenaikos – аз номи шаҳри Кирена (Kyrene)-и Юнон]. Пайравони мактаби фалсафии шогирди Суқрот Аристипп (асри 4 то милод); К. лаззатҳои ҳаёт, ҳузуру ҳаловати рӯҳию ҷисмониро неъмати олӣ ҳисоб мекарданд.

**КИ́РЗА́,** [< англ. kersey матои дурушти пашмӣ]. Матои ғафсу дурушти чандинқабата, ки аз он пойафзол ва барои мошину дастгоҳҳо тасма тайёр мекунанд.

**КИРИ́ЛЛИТСА (КИРИ́ЛЛИЦА),** [< юн. қад. Kirill – аз номи тартибдиҳандаи алифбо, маорифпарвари византиягӣ Константини Файласуф, ки с. 869 худро Кирилл номида буд]. Алифбои кириллӣ (на сирилӣ ё сирилик); яке аз ду алифбои аввалини славянӣ (дар баробари глаголитса), ки асоси алифбои русӣ ва тоҷикӣ гардидааст.

**КИ́РКА, КИ́РХА,** [ол. Kirche].Маъбади *лютеранҳо*. || Мқс. костёл, синагога.

**КИРКА́,** [< турк. курак (бели чӯбин)]. Зоғнӯл; метин; олати оҳанини дусара, ки бо он замин мекананд ва санг мешикананд.

**КИРТО́З,** [лот. cyrtosis]. *тиб*. **1**. Каҷшавии устухон. **2**. Кӯзапуштӣ (*кифоз*).

**КИСЕ́Л (КИСЕ́ЛЬ),** [рус < заб. умумиславянӣ кысати туршӣ]. Нӯшокие, ки аз шарбати мева, шир ва оҳар (*крахмал*) тайёр карда мешавад.

**КИСЛОРО́Д,** [< рус. кислый туршӣ + род ҷинс, навъ]. *хим*. Ниг. *оксиген(иум)*.

**КИСЛОТА́,** [< рус. кислый турш]. *хим*. Туршӣ; ҷавҳар; моддае, ки дар таркибаш атомҳои гидроген дошта, ҳангоми дар об *диссотсиатсия* шудан ионҳои $H^{+}$ ҳосил мекунад; К.-ҳо якасоса (К.-ҳои нитрат, гидрогенхлорид), дуасоса (К.-ҳои сулфат, карбонат) ва сеасоса (К.-и ортофосфат) мешаванд.

**КИ́ССЕР,** [< англ. kisser]. Дар жаргони боксчиён – даҳон ё рӯй.

**КИСТА́,** [< юн. kystis пуфак, ҳубоб]. *тиб*. Варами дарунхолии моеъдор, ки дар бофтаҳо ва дигар узвҳои организм дар натиҷаи бемориҳои гуногун ба вуҷуд меояд.

**КИТ[1],** [юн. ketos]. **1**. *зоол*. Наҳанг; ҳайвони калони моҳишакл аз қатори ширхӯрҳои обӣ; дарозиаш аз 1,2 м (хуки баҳрӣ) то 33 м (К.-и кабут), вазнаш аз 30 кг то 150 т; дар баҳру уқёнусҳо зиндагӣ мекунад. **2**. *маҷ*. Аркон.

**КИТ[2],** [лот. Cetus]. *астр*. Бурҷи экваторӣ, ки дар он ситораи тағйирёбандаи Мира воқеъ шудааст.

**КИ́ТЕЛ (КИ́ТЕЛЬ),** [ол. Kittel]. Камзӯли мардонаи ҳарбӣ. || Мқс. куртка, френч.

**КИТЧ, КИЧ,** [ол. Kitsch]. Маҳсулоти дар назари аввал зебо, вале дар асл арзонбаҳо ва бесифати косибӣ, ки, бар хилофи асари асили санъат, барои харидорони завқашон паст таъйин шудааст.

**КИФА́РА, КИТА́РА,** [юн. kithara]. Асбоби мусиқии тордори юнониёни қадим, ки бо нохун менавохтанд; номи *гитара* (гитор) аз ҳамин калима пайдо шудааст. || Мқс. лира, арфа.

**КИФАРЕ́Д,** [< *кифара*]. Кифаранавоз.

**КИФО́З,** [юн. kyphos]. *физиол., тиб*. Кӯзапуштӣ; барҷастагии пушт; ба ақиб ҷаста баромадани сутунмухра.

**КИФОСКОЛИО́ГРАФ,** [лот. kyphoscoliographium]. *тиб*. Асбоб барои чен кардани дараҷаи шаклвайронии сутунмухра.

**КЛАВЕСИ́Н,** [фр. clavesin]. *таър*. Асбоби мусиқии тору забонакдори қадим, ки ба *фортепяно* монанд аст.

**КЛАВЕТА́Ж,** [фр. clavetage]. *тиб*. Усули ноҷунбон кардани буғуми соқу панҷаи по.

**КЛАВИАТУ́РА,** [ол. Klaviatur < лот. clavis калид]. Қатори мураттаби забонак ё тугма дар асбоби мусиқии *клавишдор*, мошинкаи хатнависӣ, *калкулятор*, телефон, компютер ва м. инҳо.

**КЛАВИКО́РД,** [ол. Klavikord < лот. clavis калид + юн. korde тор]. *таър*. Асбоби мусиқии қадимаи клавишу тордор, ки асрҳои 15 – 19 дар Аврупо маъмул буд; баъдтар ҷои онро фортепяно гирифт. || Мқс. орган.

**КЛАВИ́Р,** [ол. Klavier]. **1**. Номи умумии асбобҳои клавишу тордор. **2**. *мус*. Аз нав навиштани нотаи асари оркестрӣ (*опера, оратория* ва ғ.) барои сурудан ё навохтан бо фортепяно.

**КЛАВИ́РАУСТСУГ (КЛАВИ́РАУСЦУГ),** [ол. Klavierauszug]. Ниг. *клавир* (маънои 2).

**КЛА́ВИШ, КЛА́ВИША,** [< лот. clavis калид]. Забонак ё тугма дар асбоби мусиқӣ, мошинкаи хатнависӣ, *калкулятор*, телефон, компютер ва м. инҳо, ки ҳангоми бо ангушт зер кардани он қисмҳои асбоб ба кор медароянд.

**КЛАДО́НИЯ,** [юн. қад.]. *бот*. Растании буттагӣ аз ҷинси гулсангҳо (тақр. 300 намуд); дар бешаҳо, тундра, ботлоққо мерӯяд; ғизои гавазнҳои шимолист.

**КЛАЗМАТОСИ́Т (КЛАЗМАТОЦИ́Т),** [< лот. claustrum садд + …*цит*]. *биол*. Ҳуҷайраи муҳофизатии бофтаҳои пайвасткунанда.

**КЛА́КА,** [фр. claque]. Гурӯҳи одамон («тамошобинон»)-е, ки махсус барои бардоштани обрӯ ё, баракс, беобрӯ кардани артист, нотиқ, драматург, оҳангсоз ё тамоми спектакл киро карда мешаванд; онҳо одатан қарсак мезананд, «аҳсант» мегӯянд, фарёд мекунанд, ҳуштак мекашанд.

**КЛАКЁР,** [< фр. claque]. Шахсе, ки ба ҳайати *клака* дохил аст.

**КЛА́КСО́Н,** [англ. klaxon]. Асбоби сигналдиҳанда дар автомобил, мототсикл ва м. инҳо. || Мқс. орган.

**КЛАН,** [англ. clan < келт. clann насл]. **1**. Қабила, қавм. **2**. *маҷ*. Гурӯҳи ҳаммаслакон ва ҳамфикрон, ки дар сари ҳокимиятанд ё барои ба даст овардани он талош доранд.

**КЛАНСМЕ́Н,** [англ. clansmen < clan клан + men одам]. Узви *клан*.

**КЛА́ПАН,** [ол. Klappen]. **1**. *тех*. Сарпӯш, сарпӯшак, дарича; ҷиҳози мошин, трубопровод, дастгоҳ ва м. инҳо, ки пеши ҷараёни бараксм буғ, газ ё моеъро мегирад ё ҷараёни онҳоро бо роҳи тағйир додани андозаи сӯрохӣ танзим менамояд. **2**. *анат*. К.-и дил – сарпӯшак (дарича, дарғот)-и дил, ки ба ҷараёни баракси хун монеъ мешавад. **3**. Сарпӯшаки киса; пораи матоъ, ки болотар аз киса барои панаҳ кардани он дӯхта мешавад.

**КЛАРК,** [англ. clarke – аз номи геохимики амрикоӣ Фрэнк Кларк (1847 – 1931)]. *хим*. Нишондиҳандаи рақамии миқдори миёнаи элементҳои химиявии таркиби қишри

Замин, *атмосфера, гидросфера*, ҷинсҳои кӯҳӣ, ҷирмҳои кайҳонӣ ва м. инҳо; бо воҳиди масса ё бо фоизи атомҳо ифода карда мешавад.

**КЛАРНЕ́Т,** [фр. clarnette]. Сурнай; асбоби мусиқии нафасии сурнаймонанд, ки аз дарахти обнус ё пластмасса сохта мешавад; аз 18 сӯрохии овозбарор ва қатори *клапанҳо* иборат аст.

**КЛАСС,** [< лот. classis дараҷа]. Синф (баъзан ба маънои дараҷа, гурӯҳ).

**КЛА́ССИК,** [< лот. classicus олидараҷа, намунавӣ]. **1**. Ходими намоён ва маъруфу машҳури илм, адабиёт, фарҳанг ва санъат, ки осори гаронбаҳои безавол офарида бошад. **2**. Пайрави *класситсизм*. **2**. Мутахассиси филологияи классикӣ, инчунин шахсе, ки маълумоти классикӣ гирифтааст.

**КЛА́ССИКА,** [< лот. classicus олидараҷа, намунавӣ]. Асарҳои гаронбаҳо ва аз ҷониби умум эътирофшудаи илм, адабиёт ва санъат, ки барои фарҳанги миллӣ ва умумиҷаҳонӣ аҳамияти бузург дошта, қимати худро асрҳои аср гум намекунанд.

**КЛАССИКӢ,** [< *классика*]. **1**. Мансуб ба олами Юнони Қадим ва Рими Қадим, ки аз асрҳои 15 – 16 то асри 19 манбаи ҳама гуна осори намунавии илмӣ, адабӣ ва фарҳангӣ ба шумор мерафт. **2**. Хоси *классика, класситсизм*; з а б о н ҳ о и К. – забонҳои қадими лотинӣ ва юнонӣ; м а ъ л у м о т и К. – навъи маълумоти миёнаи умумӣ, ки дар он забонҳои қадим (лотинӣ ва юнонӣ) ва фалсафаю математикаи аҳди атиқа фанҳои асосӣ ба шумор мераванд; ф и л о л о г и я и К. – маҷмуи фанҳое, ки ба омӯхтани забонҳои қадим (лотинӣ ва юнонӣ) ва адабиёти аҳди атиқа машғуланд.

**КЛАССИФА́ЙД,** [англ. classified]. *инф*. Сайте (ниг. *сайт*), ки дар он эълону рекламаҳо аз рӯи мавзуъ тасниф карда шудаанд.

**КЛАССИФА́ЙДЕР,** [англ. classifieder]. *инф*. Ниг. *классифайд*.

**КЛАССИФИКА́ТОР,** [< *классификация*]. **1**. Мусанниф; мутахассисе, ки бо таснифи ягон чиз машғул аст. **2**. Феҳристи бо тартиби муайян таҳияшудаи ягон чиз ё ҳодиса. **3**. Дастгоҳ барои таснифи (*классификатсияи*) ангишт, минерал ва ғ. аз рӯи шакл, андоза, зичӣ, сахтӣ ва хосиятҳои дигар.

**КЛАССИФИКА́ТСИЯ (КЛАССИФИКА́ЦИЯ),** [< лот. classis дараҷа]. Тасниф; ба синфҳо, дараҷаҳо, қисмҳо ҷудо кардани ашё, ҳодисаҳо ва мафҳумҳо аз рӯи аломатҳои умумиашон.

**КЛАССИТСИ́ЗМ (КЛАССИЦИ́ЗМ),** [фр. classicisme < лот. classis дараҷа]. **1**. Равияе дар адабиёт ва санъати асрҳои 17 – 19, ки яке аз хусусиятҳои хоси он руҷуъ ва ихлос ба осори санъату адабиёти аҳди атиқа ва давраи Эҳё (*Реннесанс*) буд; намояндагони К. санъати атиқаро намунаи идеалӣ шумурда, муосиронро бештар дар симои қаҳрамонони атиқӣ тасвир мекарданд. **2**. Дар санъати тасвирӣ ва меъморӣ – услуби эҷоди бадеӣ, ки возеҳӣ ва таносуби шаклу мазмунро талқин менамояд.

**КЛА́СТЕР,** [< англ. cluster бандча]. **1**. Гурӯҳи объектҳое, ки аз рӯи ин ё он аломати умумиашон муттаҳид шудаанд. **2**. *инф*. Хурдтарин қитъаи диски сахт ё флоппи-диск; ҳангоми *фрагментатсия* (ниг. фрагментатсия) К.-ҳои дорои иттилоот ва К.-ҳои озод торафт омехта мешаванд, ки ин суръати кори компютерро суст мекунад; барои ба тартиб овардани тақсимоти хотира барномаи *дефрагментатсияро* истифода мебаранд.

**КЛА́УЗУЛА,** [< лот. clausula хотима]. **1**. *ҳуқ*. Шарти махсус ё муқаррароти алоҳидаи қонун, шартнома, васиятнома. **2**. Дар санъати суханварӣ – поёни нутқ, ки оҳангдору пурмазмун буда, бо ҳиссиёти баланд эрод карда мешавад ва то дер дар ёди шунавандагон мемонад. **3**. *адш*. Мақтаи шеър.

**КЛАУСТРОФИЛИ́Я,** [< лот. claustrum хонаи дарбаста + …*филия*]. *тиб*. Як навъ иллати рӯҳӣ – хоҳиши сахти дар хонаи дарбаста нишастан.

**КЛАУСТРОФО́БИЯ,** [< лот. claustrum хонаи дарбаста + …*фобия*]. *тиб*. Як навъ бемории рӯҳӣ – тарсу ваҳм аз танҳо мондан дар хонаи дарбаста.

**КЛА́УСТРУМ,** [< лот. claustrum хонаи дарбаста]. *тиб., анат*. Қабати нозуки моддаи хокистарранг дар байни ядрои адасӣ ва қишри ҷазирачаи мағзи сар.

**КЛА́ФТЕР,** [ол. Klafter]. Ченаки дарозӣ дар Австрия ва Венгрия, ки ба 1, 896 м баробар аст.

**КЛЕВЕИ́Т,** [англ. cleveite]. *маъд*. Як хел *уранинити* кристаллӣ, ки аз он уран, радий ва торий ҳосил мекунанд.

**КЛЕВРЕ́Т,** [< лот. collibertus озодшуда]. **1**. То миёнаҳои асри 19 – ҳамақида, ҳаммаслак, дӯст, иттифоқчӣ. **2**. Баъдтар – тамаллуққор, думбардор.

**КЛЕЁНКА,** [рус < клей ширеш]. Матое, ки рӯяш бо моддаи обногузар пӯшонда шудааст.

**КЛЕЙМС,** [англ. claims < claim даъво, шикоят, эрод]. Даъвою эроди харидор ба фурӯшанда дар бораи сифати пасти моли фурӯхташуда. || Мқс. рекламатсия.

**КЛЕ́ЙСТЕР,** [ол. Kleister]. Ширеше, ки аз оҳар (*крахмал*) ва орд тайёр карда мешавад; асосан дар муқовасозӣ истифода мебаранд.

**КЛЕЙСТОГА́МИЯ,** [< юн. kleistos пӯшида + …*гамия*]. *бот*. Худгардолудшавӣ ва худбордоршавии гулҳои нашукуфандаи чормағзи заминӣ, бунафша, шанбалид ва баъзе растаниҳои диг., ки муғчаҳояшон нашукуфта, якбора ба мева табдил меёбанд.

**КЛЕ́ММА,** [< ол. Klemme исканҷа]. *тех*. Пайвандак, васлак; исканҷа барои васл намудани ноқилҳои электрӣ.

**КЛЕПСИ́ДРА,** [< юн. қад. klepsydra обдузд]. Соати обӣ; обсоат; асбоби зарфмонанд, ки ба он об чакида меистад; аз рӯи сатҳи об вақти гузаштаро ҳисоб мекарданд; дар замонҳои қадим истифода мешуд.

**КЛЕПТОМА́НИЯ,** [< юн. klepto медуздам + …*мания*]. *тиб*. Савдои дуздӣ; бемории рӯҳӣ, ки ҳангоми он хоҳиши сахти дуздӣ кардан пайдо мешавад.

**КЛЕРИКА́Л,** [< юн. қад. clericalis калисоӣ]. Пайрави клерикализм (ниг. *клерикализм*); узви ҳизби клерикалӣ.

**КЛЕРИКАЛИ́ЗМ,** [< юн. қад. clericalis калисоӣ]. Ҷараёни сиёсию ҷамъиятие, ки мақсадаш дар ҷомеа пурқувват намудани нуфузу мавқеи калисо ва рӯҳониён аст.

**КЛЕРК,** [англ. clerk котиб < лот. clercus рӯҳонӣ]. **1**. Котиб; дабир; ходими идора, муассиса, ки бо коргузорӣ ва тартиб додани ҳисобот машғул аст. **2**. *таър*. Дар Фаронса ва Англияи асрҳои миёна – рӯҳонӣ.

**КЛЕ́ФТҲО,** [< юн. klephtes дуздҳо]. *таър*. Деҳқонони юноние, ки дар замони ҳукмронии туркҳо дар Юнон (асрҳои 17 – 19) ба кӯҳҳо гурехта, ба муқобили истилогарон ҷангҳои *партизанӣ* кардаанд.

**КЛЁШ,** [< фр. cloche зангӯла]. Шими почавасеъ.

**КЛИВА́Ж,** [< фр. clivage ҷудо шудан]. *геол*. Қабат-қабат ҷудо ва пора шудани ҷинсҳои кӯҳӣ бо таъсири вазнинӣ.

**КЛИ́ВЕР,** [ҳол. kluiver]. Бодбони секунҷаи уреби пеши киштӣ.

**КЛИЕ́НТ,** [< лот. cliens (clientis) шахси ҳимояшаванда]. **1**. *таър*. Дар Рими Қадим – одами озод ё қабилаи озод, ки ихтиёран ба итоат ва хизмати заминдори калон мегузашт ва зери ҳимояи ӯ қарор мегирифт. **2**. Мизоҷ; муштарӣ; харидори мол (мас., дар фурӯшгоҳ) ё истифодабарандаи ин ё он хизмат (мас., дар бонк).

**КЛИ́ЗМА,** [< юн. klysma шустан]. **1**. Ҳуқна; аз сӯрохии ақиб ба рӯда равон кардани моеъ бо мақсади шуста тоза кардани рӯдаҳо ё ташхису табобати онҳо. **2**. Ҳуқна; имола; асбобе, ки бо он К. мекунанд.

**КЛИК,** [англ. click]. Як маротиба зер кардани забонаки чапи «мушак»-и компютер барои кушодани *меню*, феҳристи амалҳо, ҳаракат додани *курсор* ва амалиёти диг.

**КЛИ́КА,** [фр. clique]. Тӯда ё гурӯҳи одамоне, ки барои ба даст овардани ягон мақсади ғаразнок муттаҳид шудаанд. || Мқс. камариля, хунта.

**КЛИ́МАКС,** [< юн. klimax зина]. *тиб*. Давраи анҷомёбии фаъолияти ғадудҳои ҷинсӣ (одатан дар 45 – 54-солагӣ рӯй медиҳад); дар занҳо бо қатъшавии ҳайз, дар мардҳо бо сустшавии қувваи боҳ зоҳир мегардад.

**КЛИМАКТЕ́РИЙ,** [< юн. klimax зина]. *тиб*. Ниг. *климакс*.

**КЛИ́МАТ,** [< юн. klima майлон]. Иқлим; обу ҳавое, ки ба ин ё он маҳал хос аст.

**КЛИМАТИЗА́ТСИЯ (КЛИМАТИЗА́ЦИЯ),** [< *климат*]. Маҷмуи тадбирҳо барои муҳайё сохтани иқлими сунъӣ дар хона, корхона, ҳуҷраи корӣ ва м. инҳо (шамолдиҳӣ, гарм ё хунук кардан бо ёрии таҷҳизоту асбобҳои махсус, мас., *кондитсионер*).

**КЛИМАТИЗЁ́Р,** [< *климат*]. Асбоб барои намнок ва хунук кардани биноҳо. ‖ Мқс. кондитсионер.

**КЛИМАТОГРА́ФИЯ,** [< *климат* + *...графия*]. Соҳаи *климатология*, ки иқлими кураи заминро меомӯзад.

**КЛИМАТОЛО́ГИЯ,** [< *климат* + *...логия*]. **1**. Иқлимшиносӣ; илме, ки иқлими рӯи Заминро меомӯзад, тавсифу тасниф менамояд ва сабабҳои тағйирёбии онро муайян месозад. **2.** *тиб.* Шохаи илми тиб дар бораи таъсири иқлим ба саломатии инсон, инчунин бо истифода аз иқлим пешгирӣ ва табобат кардани баъзе бемориҳо.

**КЛИМАТОПАТОЛО́ГИЯ,** [< *климат* + *патология*]. *тиб.* **1**. Соҳаи *климатология*, ки вокунишҳои дардноки инсонро ба шароити иқлим меомӯзад ва роҳҳои пешгирии чунин вокунишҳоро муайян мекунад. **2**. Хуруҷ намудан ё пайдо шудани бемориҳо бо таъсири иқлим.

**КЛИМАТОТЕРАПИ́Я,** [< *климат* + *терапия*]. Иқлимдармонӣ; барои пешгирӣ ва табобати бемориҳо истифода бурдани хусусиятҳои шифобахши иқлим.

**КЛИМАТРО́Н,** [< *климат* + юн. thronos тахт]. Бинои шаффофдевор, ки дар он барои парвариши растаниҳои манотиқи гуногуни географӣ шароити мувофиқи иқлимӣ муҳайё карда мешавад. ‖ Мқс. оранжерея, фитотрон.

**КЛИ́НЕР,** [англ. cleaner < clean тоза кардан]. Фаррош; мутахассиси *клининг*.

**КЛИ́НИКА,** [< юн. klinike парастории бемори бистарӣ]. *тиб.* **1**. Муассисаи тиббӣ барои хобондан ва табобат кардани беморон; фарқи К. аз беморхона ва дармонгоҳ (*поликлиника*) дар он аст, ки дар К. корҳои илмию тадқиқотӣ мегузаронанд ва ба донишҷӯёну духтурони ҷавон дарс мегӯянд. ‖ Мқс. амбулатория, госпитал, лазарет, поликлиника, хоспис. **2**. Маҷмуи аломатҳои ин ё он беморӣ.

**КЛИНИКӢ,** [< *клиника*]. *тиб.* Мансуб ба *клиника*; м а р г и К. – ҳолати ба марг наздики организм, ки дар он фаъолияти дил, системаи марказии асаб ва узвҳои нафаскашӣ қатъ мегардад, вале мубодилаи моддаҳо дар бофтаҳо боқӣ мемонад; чунин ҳолат якчанд дақиқа давом мекунад ва аксари вақтҳо бо марги биологӣ анҷом меёбад; о з м о и ш и К. – дар организми беморон санҷидани фоидабахшӣ ва безарарии доруҳо.

**КЛИ́НИНГ,** [англ. cleaning < clean тоза кардан]. Рӯбучин ва тоза кардани хона бо ёрии асбобу технологияҳои муосири шӯянда ва тозакунанда; ш и р к а т и

клининги – ширкате, ки бо рӯбучин, тоза кардан ва ба тартиб даровардани хонаҳо машғул аст.

**КЛИ́НКЕР[1],** [ол. Klinker]. **1**. Санги сунъии хиштмонанд, ки аз гили махсуси гудохташуда тайёр мекунанд; хеле сахт, оташбардор ва заҳнокаш аст. **2**. Ашёи хоми семент, ки дар шакли ғурӯша ҳангоми пухтани омехтаҳои хокаи оҳаку гил ҳосил мешавад.

**КЛИ́НКЕР[2],** [англ. clinker]. Киштии хурди белдор, ки варзишгарон барои тамрин истифода мебаранд.

**КЛИНКЕ́Т,** [ҳол. klinket]. Ғалақаи *трубопроводи* киштӣ.

**КЛИНО́МЕТР,** [< юн. klino хам мекунам + *...метр*]. *тех., геол.* Асбоб барои чен кардани нишебӣ ё кунҷи хобиши қабатҳои ҷинсҳои кӯҳӣ; *кренометр* низ гӯянд.

**КЛИНЧ,** [< англ. clinch исканҷа]. *варз.* Дар бокс – якдигарро дар оғӯш сахт нигоҳ доштани боксчиён (одатан барои каме дам гирифта, нафас рост кардан); истифодаи К. манъ аст.

**КЛИ́О,** [юн. Klio]. Дар асотири Юнони Қадим – олиҳаи таърих.

**КЛИП,** [< англ. to clip буридан]. Сюжети кӯтоҳи телевизионӣ, ки бештар аз сурудҳои эстрадӣ ва навору тасвирҳои гуногуни махсус часпондашуда иборат аст.

**КЛИ́ПБОРД,** [англ. clipboard]. *инф.* **1**. Хотираи буферии компютер ва иттилооти дохили он. **2**. Барномаи компютерӣ барои тарҷумаи матн аз як забон ба забони диг.

**КЛИ́ПЕР,** [англ. clipper < to clip тез давидан]. **1**. *таър.* Киштии бонбондори сесутуна ё чорсутунаи тезгард, ки то асри 19 дар флотҳои тиҷоратӣ ва ҳарбӣ истифода мешуд. **2**. Киштии тезгарди шикории бодбондор ё муҳаррикдори муосир.

**КЛИПМЕ́ЙКЕР,** [англ. clip-maker < clip клип + to make сохтан]. Клипсоз; мутахассиси таҳия ва истеҳсоли *клипҳо.*

**КЛИПС,** [англ. clips]. Гӯшворе, ки ба гӯш бо ёрии часпак овезон карда мешавад (бе сӯрох кардани гӯш).

**КЛИР,** [< юн. kleros қуръа]. **1**. Кулли рӯҳониён ва ходимони калисои насронӣ, ба истисноӣ *архиерейҳо*; аввалҳо бо роҳи қуръапартоӣ интихоб карда мешуданд. **2**. Хори калисо.

**КЛИ́РАНС,** [англ. clearance]. *мол.* Иҷрои талаботи бо қонун муқарраршуда дар бораи ба бандар даромадан ва аз он баромадани киштиҳо, инчунин ба кишвар ворид кардани молу бор.

**КЛИ́РЕНС,** [англ. clearence]. Масофаи байни нуқтаи поёнтарини мошини худгард (мас., автомобил, танк) ва сатҳи роҳ.

**КЛИ́РИК,** [< юн. kleros қуръа]. Рӯҳонии калисо, узви *клир*.

**КЛИ́РИНГ,** [англ. clearing]. *мол.* Низоми ҳисоббаробарсозии байни бонкҳо на бо пули нақд, балки бо роҳи иҷро намудани талаботу уҳдадориҳои мутақобила (хусусан дар савдои берунӣ).

**КЛИ́РОС,** [< юн. kleros қуръа]. Ҷои махсус барои хор дар маъбади насрониён.

**КЛИСТИ́Р,** [юн. klyster < klyzo мешӯям]. Шустани рӯда бо ёрии ҳуқна (*клизма*).

**КЛИСТРО́Н,** [фр., юн. klystron]. *физ.* Яке аз навъҳои чароғи (*лампаи*) басомадаш фавқулода баланди электронӣ.

**КЛИ́ТОР,** [< юн. klytis теппа]. *анат.* Базр; узви фарҷ (маҳбал), ки дар қисми болоии он, дар байни лабҳои таносулӣ қарор дорад; аз аҷсоми исфанҷӣ иборат буда, бағоят ҳассос аст.

**КЛИТОРАЛГИ́Я,** [лот. clitoralgia]. *тиб.* Дарди *клитор*.

**КЛИФ,** [англ. cliff]. *геол.* Ниг. *абразия* (маънои 1).

**КЛИФФ-ДА́ЙВИНГ**, [англ. cliff diving]. Навъи варзиш – ҷаҳидан ба об аз болои шахи баланд.

**КЛИШЕ́,** [фр. cliche]. **1**. Лавҳаи металлӣ, чӯбин ё пластмассии дорои тасвири муқарнас (барҷаста), ки барои чопи сурат ё хат хизмат мекунад. **2**. *збш.* Ибора ё ҷумлаи қолабӣ, расмӣ, мас.: «Ба маълумоти Шумо мерасонем, ки…».

**КЛОА́КА,** [< юн. klyzo мешӯям]. **1**. Қубур барои равон кардани ифлосиҳо. **2**. *маҷ.* Ҷои ифлосу бадбӯй; муҳити пур аз фисқу фасод. **3**. *зоол.* Рӯдаи ғафси поёнии баъзе ҳайвонҳо, ки барои ихроҷи ҳам наҷосат ва ҳам пешоб хизмат мекунад.

**КЛОА́КИНГ**, [англ. cloaking]. *инф.* Яке аз усулҳои ҷустуҷӯи иттилоот, ки ҳангоми он ба истифодабаранда намунаҳои гуногуни худи ҳамон як саҳифа нишон дода мешавад.

**КЛОБУ́К,** [< турк. «қалпоқ» каллапӯш, тоқӣ]. Кулоҳи силиндршакли роҳибони православӣ.

**КЛОЗЕ́Т**, [англ. closet]. *кӯҳна.* Ҳоҷатхонае, ки дар он нишастгоҳи халоҷо (*унитаз*) ба таври механикӣ бо об шуста мешавад.

**КЛОН,** [< юн. klon шоха, насл]. Насли аз ҷиҳати генетикӣ якхелаи растаниҳо ё ҳайвонот, ки бо роҳи афзоиши ғайриҷинсӣ пайдо шудааст.

**КЛО́НУС,** [< юн. klonos ҳаракат]. Тез-тез ва беихтиёр паридани мушак ё гурӯҳи мушакҳо, ки аломати ихтилоли системаи асаб мебошад.

**КЛО́УН**, [англ. clown]. Масхарабоз, ширинкор; артисти сирк, ки *интермедия* ва саҳначаҳои мазҳакавиро бозӣ мекунад.

**КЛОУНА́ДА,** [< *клоун* + пасв. -ада]. **1**. Масхарабозӣ, ширинкорӣ; намоиши сиркӣ бо иштироки масхарабозон (*клоунҳо*). **2**. Жанри санъати сирк, ки дар он *буффонада, гротеск, экссентрика* истифода мешаванд. **3**. Матни саҳначаи масхарабоз.

**КЛОША́Р,** [фр. clochard]. Дар Фаронса – оворагарди қашшоқ. || Мқс. люмпен, люмпен-пролетарий.

**КЛУА́ТР,** [фр. cloitre]. Ҳавлии дайр, ки бо *галерея* иҳота шудааст.

**КЛУБ,** [англ. club]. **1**. Маҳфил; ташкилоти ҷамъиятие, ки одамони шавқу ҳавас, шуғл ва ақидаҳояшон ба якдигар наздикро муттаҳид менамояд, мас., К-и шоҳмотбозон, К.-и варзишӣ. **2**. Муассисаи фарҳангию маърифатӣ ва фароғатӣ. **3**. *маҷ*. Маҷмуи ташкилотҳои байналмилалии бонкию молиявие, ки мақсаду вазифаҳои умумӣ доранд, мас., К.-и Лондон.

**КЛЭБ,** [англ. club]. *варз*. Чавгони голфбозӣ.

**КЛЮЗ,** [ҳол. kluis]. Сӯрохӣ дар девори киштӣ барои берун партофтани занҷири лангар.

**КЛЮ́КВА,** [рус]. *бот*. Як навъ буттаи ҳамешасабзи ботлохӣ, ки меваи нордон дорад.

**КЛЯ́КСА,** [ол. Klecks]. Доғи ранг дар коғаз.

**КНЕЛ (КНЕЛЬ),** [фр. quenelles]. Гӯшти қимаи ғелак, ки якҷоя бо хӯриш (*гарнир*) ё бе хӯриш истеъмол мекунанд.

**КНЕ́ССЕТ,** [< яҳ. қад. knesset маҷлис]. Парламент дар Исроил.

**КНИДОСПОРИ́ДИЙҲО,** [< юн. қад.]. *зоол*. Содатаринҳои ангал, ки дар бофтаҳо ва ҳуҷайраҳои моҳиҳо ва ҳайвоноти бемуҳра зиндагӣ мекунанд.

**КНИ́КСЕН,** [ол. Kniksen]. Яке аз шаклҳои таъзими занон – нимнишасти андак ва кӯтоҳмуддат, ки дар Аврупо ба ҷои *реверанс* маъмул шуд.

**КНОПИ́Т,** [англ. knopite]. *маъд*. Минерале, ки асосан аз оксиди калсий ва титан, инчунин аз омехтаҳои сезий ва дигар элементҳои нодир иборат аст; дар шакли агрегатҳои сиёҳ, қаҳваранг ва бӯр дучор мешавад.

**КНО́ПКА,** [ол. Knopf тугма]. **1**. Мехчаи кулоҳчадор. **2**. Тугмаи иборат аз ду пулакча, ки яке ба даруни дигарӣ медарояд. **3**. Тугмаи асбобу таҷҳизот, ки ҳангоми пахш кардани он асбобу таҷҳизот ба кор медарояд, мас., тугмаи занги дар. **4**. *маҷ*. Одами қадпаст.

**КНЯГИ́НА,** [< *князь*]. Зани княз; князхонум.

**КНЯ́ЖИЧ,** [< *князь*]. Писари княз; княззода

**КНЯЖНА́,** [< *князь*]. Духтари бешавҳари княз; княздухтар.

**КНЯЗ (КНЯЗЬ),** [рус. < ол. қад. kuning]. **1**. Дар Руси Қадим – сардори қабила ва баъдҳо – дар давраи феодализм – ҳокими вилоят. **2**. Дар Россияи подшоҳӣ унвони фахрие, ки ба тариқи мерос аз насл ба насл мегузашт ё барои хизматҳои махсус бо фармони подшоҳ (аз асри 18 сар карда) ба тариқи инъом дода мешуд, инчунин унвони писар, бародар, набераи император. **3**. Шахсе, ки чунин унвон дорад.

**КНЯЗӢ,** [< *князь*]. Сохти давлатдории мутлақ бо сардории *княз*; аввалин князиҳо дар Руси Қадим (асрҳои 9 – 10) ба вуҷуд омада буданд.

**КО…,** [< лот. «co…» якҷоя]. Қисми калима, ки ё ба қисми дигари калима муқобил буданро ифода мекунад (мас., дар номи функсияи тригонометрии *котангенс*) ва ё, баракс, бо қисми дигари калима мувофиқ будан ё робита доштанро (мас., *ковалентӣ*).

**КОАГУЛОПА́ТИЯ,** [< лот. coagulum басташавӣ, лахтшавӣ + *…патия*]. *тиб*. Беморие, ки дар натиҷаи ихтилоли қобилияти лахтшавии хун рӯй медиҳад.

**КОАГУЛЯ́НТҲО,** [< лот. coagulatio басташавӣ, қиёмшавӣ]. **1**. *хим*. Моддаҳое, ки дар сурати ҳамроҳ кардани онҳо ба моеи дорои зарраҳои хурд (*дисперсӣ*) *коагулятсияро* (ниг. *коагулятсия*, маънои 1) ба вуҷуд меоранд. **2**. *тиб*. Доруҳое, ки лахтшавии хунро метезонанд.

**КОАГУЛЯ́Т,** [< лот. coagulatio басташавӣ, қиёмшавӣ]. *хим*. Таҳшине, ки дар натиҷаи *коагулятсияи* маҳлули коллоидӣ пайдо мешавад.

**КОАГУЛЯ́ТСИЯ (КОАГУЛЯ́ЦИЯ),** [< лот. coagulatio басташавӣ, қиёмшавӣ]. **1**. *хим*. Дар натиҷаи кашиши ҳамдигарии молекулаҳо бо якдигар часпида калоншавии зарраҳои системаи *коллоидӣ* ва *дисперсӣ*; К. бо таъсири мавҷҳои ултрасадо, равшанӣ, майдони электрикии баландбасомад ва ғ. ба амал меояд. **2**. *тиб*. Мустаҳкам кардани бофтаю рагҳо бо ёрии омилҳои берунӣ (мас., К.-и шабакияи чашм бо *лазер*).

**КОАДЪЮ́ТОР,** [< лот. coadjuvo ёрӣ мерасонам]. Шахсе, ки аз ҷониби папа ёвари *епископ* таъйин карда мешавад, агар епископ бо сабаби пирӣ ё беморӣ вазифаҳои худро иҷро карда натавонад.

**КОАКСИАЛӢ,** [< лот. co якҷоя + axis тир]. *тех*. Ҳамтир, ҳаммеҳвар; бо ягон чиз дар як меҳвар қарордошта.

**КОА́ЛА,** [австрал.]. *зоол*. Хирси халтадор; ҳайвони ширхӯри австралӣ, ки дар болои дарахтон зиндагӣ мекунад; дарозии баданаш то 1 м.

**КОАЛИ́ТСИЯ (КОАЛИ́ЦИЯ),** [< лот. coalitio иттиҳод]. Иттиҳод, иттифоқи давлатҳо, ҳизбҳои сиёсӣ, гурӯҳҳо барои ба даст овардани мақсадҳои умумӣ. || Мкс. алянс, блок.

**КОА́Т**, [ҳинд. Ам.]. *зоол*. Маймуни тортанакшакл аз ҷинси думгироҳо; дасту пойҳои дароз дорад; дар ҷангалҳои Америкои Ҷанубӣ зиндагӣ мекунад.

**КОАСЕРВА́ТСИЯ (КОАЦЕРВА́ЦИЯ),** [< лот. coacervatio ғуншавӣ]. *хим*. Дар маҳлул пайдо шудани қатраҳои моддаҳои ҳалшуда; одатан дар маҳлулҳои обии сафедаҳо, полисахаридҳо ва полимерҳои дигар ҳангоми ба онҳо илова намудани электролитҳо ва баъзе пайвастҳои органикӣ ба вуҷуд меояд.

**КОБАЛАМИ́Н,** [< *кобалт* + *аминҳо*]. Витамини $B_{12}$, ки набототи рӯда пайдо мекунонад; дар хунофарӣ нақши муҳим мебозад; аз ҷиҳати химиявӣ ба *гемоглобин* монанд аст, аммо ба ҷои атоми оҳан атоми *кобалт* дорад.

**КО́БАЛТ (КО́БАЛЬТ),** [лот. Cobaltum < ол. Kobold аҷинае, ки ба кори кӯҳканон халал мерасонад]. **1**. *хим*. Элементи химиявӣ, рамзаш Co; металли сафеди нуқратоби гурӯҳи VIII системаи даврӣ; дар истеҳсоли шишаи кабуд ва рангҳо истифода мешавад. **2**. Ранги хокаи кабуди сиёҳтоб.

**КОБАЛТИ́Н (КОБАЛЬТИ́Н),** [< *кобалт*]. *маъд*. Минерале, ки таркибаш аз арсеникосулфиди кобалт ва омехтаҳои оҳану никел иборат аст; дар шакли агрегату кристаллҳои сафед ва гулобӣ дучор мешавад; аз К. кобалт ҳосил мекунанд.

**КО́БЗА,** [укр.]. Асбоби мусиқии қадимии тордори украинӣ; *бандура* низ гӯянд.

**КО́БЗАР (КО́БЗАРЬ),** [укр.]. Кобзанавоз; сароянда ва навозандаи халқӣ дар Украина.

**КО́БО,** [англ. kobo]. Пули майдаи Нигерия, ки ба 0,01 найра баробар аст.

**КОБО́Л,** [англ. COBOL – ихтисоршудаи common business oriented language забони соҳибкорон]. Яке аз забонҳои барномасозӣ, ки барои ҳалли вазифаҳои иқтисодӣ, молиявӣ ва маъмурию коргузорӣ истифода мешавад. || Мқс. алгол, бейсик.

**КО́БРА,** [порт. cobra]. *зоол*. Мори айнакдор; мори калони заҳрдоре, ки дар минтақаҳои гарм зиндагӣ мекунад; дарозиаш то 2,5 м (6 намуд).

**КОБУРА́,** [тотор.]. **1**. Ғилофи таппонча. **2**. Халта ё *сумкаи* чармине, ки дар қоши зин овезон карда мешавад.

**КОВАЛЕНТӢ,** [< *ко…* + *валент*]. *хим*. Робитаи К. – робитаи қавии химиявӣ; ба воситаи ҷуфти электронҳое амалӣ мегардад, ки барои ду атоми робитакунанда умумӣ мебошанд.

**КОВАРИА́НСА,** [< *ко…* + лот. variare тағйир додан]. *мат*. Тағйирпазирии мутақобилаи ду аломат дар *биометрия*.

**КОВБО́Й,** [англ. cowboy < cow гов + boy ҷавон]. **1**. Чӯпони чобуксавор дар Амрикои Шимолӣ. **2**. *маҷ*. Ҷавони ҷасуру чолок.

**КОВБО́ЙКА,** [< *ковбой*]. Куртаи остиндарози гиребонвасеъ, ки пештар *ковбойҳо* мепӯшиданд.

**КОВЕЛЛИ́Н**, [англ. covellite]. *маъд.* Минерале, ки таркибаш аз сулфиди мис иборат аст; дар рӯи минералҳои сулфидии дигар дар шакли пардаи тунуки кабуд ё массаи хокамонанди сиёҳтоб вомехӯрад; аз К. мис ҳосил мекунанд.

**КОВЕРКО́Т,** [англ. covertcoat]. Матои ғафси риштаҳояш уреби пашмин, нимпашмин ё пахтагин, ки аз он либоси рӯ (камзӯл, *палто*, *плаш, костюм*) медӯзанд.

**КОВО́РКИНГ**, [англ. coworking < co якҷоя + work кор кардан]. Хона, ҳуҷраи ба иҷора гирифташуда, ки дар он фрилансерҳо (ниг. *фрилансер*) ё ширкатҳои на чандон калон кор мекунанд.

**КОГЕ́ЗИЯ,** [< лот. cohaesus пайвастшуда]. *хим.* Бо якдигар васл шудани зарраҳои ин ё он ҷисми моеъ ё сахт; дар натиҷа ин зарраҳо ба як ҷисми том табдил меёбанд.

**КОГНИ́ТСИЯ (КОГНИ́ЦИЯ),** [< лот. cognoscere фаҳмидан, дарк кардан]. *психол.* Раванди дарк ва тасаввур.

**КОГНИТИВӢ**, [< лот. cognoscere фаҳмидан, дарк кардан]. **1**. *психол.* Мансуб ба шуур, тафаккур; психологияи К. – яке аз равияҳои психология, ки, бар хилофи *бихевиоризм*, фаъолияти ақлии инсонро дар мадди аввал мегузорад, на вокунишоти рафтории ӯро. **2**. *збш.* Забоншиносии К. – яке аз шохаҳои илми забоншиносӣ, ки қонуниятҳои дар забон инъикос ёфтани маърифати гӯяндаро меомӯзад.

**КОГО́РТА,** [< лот. cohors села]. **1**. Дар Рими Қадим – даҳяки *легион*. **2**. *маҷ.* Ҳаммаслакон; гурӯҳи одамоне, ки дар ягон ҷабҳа сахт муттафиқ мебошанд, мас., К.-и *декабристон*.

**КОД,** [фр. code < лот. codex китоб]. Рамз; системаи аломатҳо ё сигналҳои шартӣ барои мухобараи рамзӣ; К.-и генетикӣ – иттилооти ирсии аз як насл ба насли дигар додашаванда; системаи ягонаи «сабт»-и иттилооти ирсӣ дар молекулаҳои *кислотаи нуклеинӣ*.

**КО́ДА,** [< ит. coda дум]. **1**. Мақтаи асарҳои мусиқӣ. **2**. *адш.* Фикраи мустазод.

**КОДЕИ́Н,** [< юн. kodia сараки кӯкнор]. *Алкалоид*, ки дар сараки кӯкнор вуҷуд дорад; чун доруи таскинбахш, дардшикан ва зидди сулфа истифода мешавад; вале истеъмоли бисёру бардавоми он боиси гиёҳмандӣ (*наркомания*) мегардад.

**КО́ДЕКС,** [< лот. codex китоб]. **1**. *ҳуқ.* Маҷмуи мураттаби қонунҳо, ки ба ин ё он соҳаи ҳаёти ҷамъиятӣ дахл доранд, мас.: К.-и ҷиноятӣ, К.-и меҳнат, К.-и оила ва ғ. **2**. Маҷмуи қоидаҳо, меъёрҳо ақидаҳо, мас., К.-и ахлоқ. **3**. Дастнависи муқовадори қадимӣ.

**КОДИКОЛО́ГИЯ,** [< лот. codex китоб + …*логия*]. Соҳаи китобшиносӣ, ки тарзи саҳифабандӣ, муқовабандӣ, ороиш, ҳуруфот ва хусусиятҳои дигари дастнависҳои муқовадори қадимиро (*кодексҳоро*) меомӯзад.

**КОД-ШЕ́РИНГ**, [англ. code sharing < code кодекс + share тақсим кардан, бо ҳам дидан]. Истифодаи муштараки хатсайрҳои (*рейсҳои*) ҳавопаймоӣ, ки ҳангоми он як ширкати ҳавопаймоӣ аз ширкати ҳамшарик якчанд ҷои ҳавопайморо харида мегирад.

**КО́ЗА НО́СТРА,** [< ит. Cosa nostra Кори мо]. Яке аз ташкилотҳои мафиозӣ дар ИМА, ки пештар ҳайаташ мутлақо аз муҳоҷирони итилиёвӣ иборат буд.

**КОИ́ПУ,** [ҳинд. Ам.]. *зоол.* Қундузи ботлохӣ.

**КО́ИТУС,** [лот. coitus < coire васл шудан, якҷоя шудан]. *тиб.* Алоқаи ҷинсӣ, ҷимоъ.

**КОЙЛЕ́Л (КОЙЛЕ́ЛЬ),** [яҳ. қад.]. Дар дини яҳудиён – мактаби динӣ барои мардҳои зандор.

**КОЙНЕ́,** [юн. қад.]. *збш.* Забони умумие, ки дар асоси як қатор лаҳҷаҳои ба якдигар наздик пайдо шуда, тадриҷан ҷои онҳоро мегирад.

**КОЙО́Т**, [англ. coyote < ҳинд. Ам.]. *зоол.* Гурги даштӣ; ҳайвони ширхӯр аз оилаи сагҳо, ки дар даштҳои Америкои Шимолӣ ва Марказӣ зиндагӣ мекунад.

**КОК,** [< ҳол. kok ошпаз]. Ошпази киштӣ.

**КО́КА,** [исп. coca < ҳинд. Ам.]. *бот.* Буттаи *кокаин*; дар минтақаҳои тропикии Америкои Ҷанубӣ ва Осиёи Ҷанубӣ мерӯяд; аз баргҳояш *кокаин* мегиранд; шираи К.-ро дар истеҳсоли *кока-кола* истифода мебаранд.

**КОКАИ́Н,** [исп. cocaina]. Алкалоиде, ки дар баргҳои *кока* мавҷуд аст; ҳассосияти анҷомаҳои асабро паст намуда, дардро фурӯ менишонад, вале зуд-зуд ва аз меъёр зиёд истеъмол намудани он боиси *кокаинизм* (кокаинмандӣ) мегардад.

**КОКАИНИ́ЗМ,** [< *кокаин*]. Кокаинмандӣ; майлу рағбати сахт ба истеъмоли *кокаин*; яке аз шаклҳои нашъамандӣ.

**КО́КА-КО́ЛА,** [англ. Coca-Cola]. Нӯшокии машҳури амрикоӣ, ки аз барги *кока* ва меваи *кола* тайёр карда мешавад, инчунин ширкате, ки *консентрати* чунин нӯшокӣ ва нӯшокиҳои дигари ташнагишиканро истеҳсол менамояд.

**КОКАРБОКСИЛА́ЗА,** [< лот. co… якҷоя + carbo карбон + *оксиген*]. *хим.* Тиаминпирофосфат; эфири кислотаи пирофосфат ва *тиамин* (витамини $B_1$); дар ҷигар ва гурдаи одам ва ҳайвонот вуҷуд дорад; барои беҳтар намудани мубодилаи моддаҳо хизмат мекунад.

**КОКА́РДА,** [фр. cocarde]. Нишони металлӣ, ки дар пеши *фуражка*, телпак ва дигар каллапӯшҳои расмӣ часпонда мешавад.

**КОКИ́Л (КОКИ́ЛЬ),** [фр. coquille]. Қолаби оҳанрезӣ.

**КО́ККЕР-СПАНИЕ́Л (КО́ККЕР-СПАНИЕ́ЛЬ),** [англ. cocker-spaniel]. Саги шикорӣ аз зоти *спаниел.*

**КОККҲО,** [< юн. kokos ғалладона]. Бактерияҳои кулӯлашакли беҳаракат; аксарияташон безараранд, аммо баъзеяшон (мас., *гонококкҳо*) боиси вараму зардоб пайдо кардани узвҳои гуногун мегарданд.

**КОКЛЮ́Ш,** [фр. coqueluche]. *тиб.* Сулфаи кабутак, сулфакабутак; бемории сироятии шадиди бештар кӯдакон, ки бо сулфаи махсус (сахт, ларзаовар, қайовар ва ҳуштакӣ) зоҳир мегардад.

**КО́КОН,** [фр. cocon]. **1**. Пилла. **2**. Пардае аз тарашшуҳоти (луоби) сахтшуда, ки бисёр ҷонварони бемуҳра (тортанакҳо, кирмҳо, баъзе моллюскҳо) тухмҳои худро бо он мепечонанд.

**КОКО́С,** [исп. cocos]. *бот.* Норҷил; ҷавзи ҳиндӣ ва дарахти он, ки аз оилаи нахлҳо буда, баландиаш то 25 м мерасад; дар минтақаҳои тропикӣ ба хотири мевааш парвариш мекунанд; вазни мевааш (чормағзаш) то 2,5 кг; аз шираи мевааш – нӯшокӣ ва аз равғани он собун, *маргарин* ва ғ. тайёр мекунанд.

**КОКО́ТКА,** [фр. cocotte]. Зани сабукпое ки аз ҳисоби хушдораш зиндагӣ мекунад.

**КО́КПИТ,** [англ. cockpit]. **1**. Хонаи чуқури болокушода дар қисми миёна ё пеши *катер* ё *яхта* барои сукхондор ва мусофирон. **2**. Дар киштии бодбондор – қисми пеши саҳни аз ҳама поёнии киштӣ.

**КОКС,** [англ. coke]. Сӯзишвории хеле сахти сунъӣ, ки ҳангоми бе иштироки ҳаво дар 950 – 1050 $^\circ$ С тасфондани сӯзишвориҳои гуногун (ангиштсанг, торф ва дигар моддаҳои органикӣ) ҳосил мешавад; дар истеҳсоли чӯян ва электродҳои ангиштӣ, рездагарӣ, саноати химия ва металлургияи ранга истифода мебаранд.

**КОКСА́ГРА,** [лот. coxagra]. *тиб.* Дарди буғумҳои косу рон.

**КОКСА́К,** [англ. coxackie]. В и р у с ҳ о и К . – гурӯҳи вирусҳои РНК-дор – барангезандагони бемориҳои гуногуни одам ва ҳайвонот (полиомиелит, газаки пардаи мағзи сар, варача ва м. инҳо).

**КОКСИ́Т**, [< лот. coxa рон]. *тиб.* Илтиҳоби буғуми косу рон; бештар дар кӯдакон мушоҳида мешавад.

**КОКСОХИ́МИЯ,** [< *кокс* + *химия*]. Соҳаи химия, ки таркиб, сохт, хусусиятҳои химиявии ангиштсанг ва усулҳои истеҳсоли *коксро* меомӯзад.

**КОКТЕ́ЙЛ,** [< англ. cocktail думи хурӯс]. **1**. Омехтаи хунуккардашудаи нӯшокиҳои алкоголдор ва беалкогол (баъзан мева, қанд, зардии тухм низ илова мекунанд). **2**. Аспи думбурида.

**КОКСИДИО́З (КОКЦИДИО́З),** [< *коксидия*]. *байт., тиб.* Беморӣи ҳайвонот ва одам, ки барангезандагонаш *коксидияҳо* мебошанд.

**КОКСИ́ДИЯҲО,** [< лот. cocsinus арғувонӣ]. *зоол.* Ҷондорҳои содатарин аз оилаи *споровикҳо*, ки дар узвҳои ҳозимаи ҳайвонот ва одам муфтхӯрӣ мекунанд; барангезандагони *коксидиоз* ва *токсоплазмоз* ба шумор мераванд.

**КОКСИ́ДҲО (КОКЦИ́ДҲО),** [< лот. cocsinus арғувонӣ]. *зоол.* Зергурӯҳи ҳашарот аз оилаи баробарболҳо (зиёда аз 3600 намуд); дарозиашон то 1,2 см; ба боғу полизҳо зарар мерасонанд.

**КО́ЛА,** [лот. cola < афр. kolo чормағз]. Дарахти ҳамешасабзи африқоӣ; тухмаш (чормағзаш) *кофеин* ва *теобромин* дорад ва дар тиб, инчунин дар истеҳсоли *ликёр, кока-кола, пепси-кола* истифода мешавад.

**КОЛАЛГИ́Я,** [лот. colalgia]. *тиб.* Дарди рӯдаи ғафс.

**КО́ЛБА,** [ол. Kolben]. Зарфи даҳонтанги шишагин, ки тагаш ҳамвор ё курашакл аст; дар озмоишгоҳҳо (*лабораторияҳо*)-и химиявӣ истифода мебаранд.

**КОЛБА́Д**, **КОЛБУ́Д**, [юн. қад.]. **1.** Қолаб. **2**. Ҷисм, тан, бадан, ҷасад.

**КОЛГО́ТКИ,** [< чех. kalhoty шим]. Ҷуробэзор; *чулки-рейтузи* трикотажии занона ё кӯдакона.

**КОЛЕМАНИ́Т,** [< англ. Coleman]. *маъд.* Минерале, ки таркибаш аз борати обии калсий иборат аст; дар шакли кристаллу агрегатҳои сафед ва беранг вомехӯрад; аз К. бор ҳосил мекунанд.

**КОЛЕНКО́Р,** [фр. calencar < форс. қаламкор]. Як навъ матои нақшини оҳардодашуда, ки аз он асосан муқоваи китоб тайёр мекунанд.

**КО́ЛЕР,** [< лот. color ранг]. Тобиш ва ғализии ранг; умуман ранг.

**КО́ЛЕУС,** [< юн. koleos ғилоф]. *бот.* Растании бисёрсолаи ороишии тропикӣ аз оилаи лабгулҳо; гулҳояш ба ғилоф монанданд ва номаш аз ҳамин ҷост.

**КОЛИ́БРИ,** [исп.colibri]. *зоол.* Парандаи хурди амрикоӣ аз оилаи дарозболҳо; болу пари рангоранг дорад (такр. 320 намуд).

**КОЛИЗЕ́Й,** [ит. Coliseo < лот. Colosseum]. *Амфитеатри* калоне, ки солҳои 75 – 80-и милодӣ дар Рим сохта шуда буд ва ҳоло як қисми он боқӣ мондааст; К. барои ҷангҳои *гладиаторон* ва намоишҳои диг. таъйин шуда буд; такр. 50 ҳазор тамошобинро гунҷонда метавонист.

**КО́ЛИ-И́НДЕКС,** [< юн. kolon рӯдаи ғафс + *индекс*]. Нишондиҳандаи миқдори чӯбчамикробҳои рӯда дар 1 л об ё дар 1 кг хок.

**КО́ЛИ-ИНФЕ́КСИЯ (КО́ЛИ-ИНФЕ́КЦИЯ),** [< юн. kolon рӯдаи ғафс + *инфексия*]. *тиб.* Бемории сироятии шадиде, ки аз асари чӯбчамикробҳои бемориовари рӯда пайдо мешавад; беморӣ асосан дар рӯда рӯй медиҳад; ба К-И. бештар кӯдакони хурдсол дучор мешаванд.

**КО́ЛИКА,** [< юн. kolike беморӣ, дард]. *тиб*. Қуланҷ; хала; дарди шадиде, ки дар рӯда ё дигар узвҳои даруни шикам рӯй медиҳад.

**КОЛИ́Т,** [< юн. kolon рӯдаи ғафс]. *тиб*. Газаки луобпардаи рӯдаи ғафс.

**КОЛИТЕРАПИ́Я,** [< юн. kolon рӯдаи ғафс + *терапия*]. *тиб*. Табобати бemoриҳои сироятии рӯда бо доруҳое, ки аз чӯбчамикроби рӯдаи ғафс тайёр карда шудаанд.

**КО́ЛИ-ТИ́ТР,** [< юн. kolon рӯдаи ғафс + *титр*]. Камтарин миқдори об, хок ва ғ., ки дар он 1 чӯбчамикроби рӯда вуҷуд дорад.

**КОЛЛАБОРАТСИОНИ́ЗМ (КОЛЛАБОРАЦИОНИ́ЗМ),** [< лот. collaborate ҳамкорӣ]. Ҳамкории сокинони мамлакати истилошуда бо истилогарон.

**КОЛЛАГЕ́Н,** [< юн. kolla ширеш + genos насл, пайдоиш]. *биол*. Моддаи сафедагие, ки ба таркиби торҳои бофтаи пайвасткунанда дохил мешавад.

**КОЛЛАГЕНО́З,** [< *коллаген*]. *тиб*. Беморие, ки ҳангоми он бофтаи пайвасткунанда (хусусан торҳои байниҳуҷайравии коллагендори он) ва рагҳои хунгард зарар мебинанд.

**КОЛЛА́Ж,** [< фр. collage часпондан]. **1**. Усули санъати тасвирӣ – дар рӯи ягон чиз часпондани маводе, ки бо ранг, шакл ва ороиши худ аз он фарқ мекунанд. **2**. Асаре, ки бо ҳамин усул офарида шудааст, мас., К. аз якчанд сурат.

**КОЛЛА́ЙДЕР,** [англ. юн. collider]. Таҷҳизоти суръатфизои дорои дастаҳои мухолифи (рӯ ба рӯ ояндаи) заррaҳои элементарӣ, ки ҳангоми бархӯрдан ба якдигар таъсир мерасонанд.

**КОЛЛА́ПС,** [< лот. collapsus заифшуда, хасташуда]. **1**. *тиб*. Заъфи шадиди рагҳо дар натиҷаи бemoриҳои сироятӣ, заҳролудшавӣ, хунравии зиёд, иллатёбии мушаки дил ва ғ.; бо пастшавии фишори хун дар артерияю венаҳо, *гипоксия*, инчунин бо хун суст таъмин гардидани узвҳои ҳаётан муҳим ҷараён меёбад. || Мқс. кома, шок. **2**. *маҷ*. Бухрони шадид дар иқтисод ва ҳаёти иҷтимоии мамлакат, таназзули истеҳсолот, вайрон шудани робитаҳои иқтисодию молиявӣ, паст шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ. **3**. *астр*. К.-и гравитатсионӣ – ҷараёни тазйиқёбии фалокатовари ситораҳои массаашон аз массаи офтоб ду маротиба зиёд бо таъсири қувваи ҷозиба (*гравитатсия*).

**КОЛЛАПСА́Р,** [< лот. collapsus заифшуда, хасташуда]. *астр*. «Сӯрохии сиёҳ»; ҷирми начандон калони осмонӣ (диаметраш то 29 км, зичии моддааш бениҳоят зиёд); дар натиҷаи *коллапси гравитатсионии* ситораи массааш калон пайдо мешавад.

**КОЛЛАПСОТЕРАПИ́Я,** [< *коллапс* + *терапия*]. *тиб*. **1**. Яке аз усулҳои ҷарроҳӣ ҳангоми муолиҷаи сил – фишурда пуч кардани қитъаи аз сил зарардида. **2**. Табобати *коллапс* (маънои 1).

**КОЛЛАТЕРА́ЛҲО,** [< *ко*… + лот. lateralis паҳлӯӣ]. *анат*. Шохчаҳои паҳлӯии рагҳои хунгарди одам ва ҳайвонот, ки раги асосиро давр зада мегузаранд.

**КОЛЛЕ́ГА**, [лот. collega]. Ҳамкор, ҳампеша, ҳамкасб.

**КОЛЛЕГИАЛӢ,** [< лот. collega]. Усули К. – усули роҳбарӣ, идоракунӣ, инчунин муҳокима ва ҳал намудани масъалаҳо аз ҷониби гурӯҳи шахсони ваколатдоре, ки ҳар кадомашон барои соҳаи муайяни фаъолият шахсан масъул мебошанд.

**КОЛЛЕ́ГИЯ,** [< лот. collega]. **1**. Гурӯҳи шахсони ваколатдоре, ки мақоми роҳбарикунанда, машваратдиҳанда ё амрдиҳандаро ташкил мекунанд, мас., К.-и вазорат. **2**. Иттиҳодияи ихтиёрии шахсони ҳамкасб, мас., К.-и адвокатҳо. **3**. Дар Рими Қадим – номи мақоми идоракунанда; ба ҳайати он шахсоне шомил буданд, ба соҳаи муайян роҳбарӣ менамуданд. **4**. Номи баъзе муассисаҳои таълимӣ дар Аврупои Ғарбӣ.

**КОЛЛЕ́Ҷ (КОЛЛЕ́ДЖ),** [англ. college]. Дар баъзе мамлакатҳо – мактаби миёна ё олӣ.

**КОЛЛЕ́Ж,** [англ. college]. Мактаби миёна ё миёнаи нопурра дар Фаронса, Белгия, Швейтсария ва баъзе мамлакатҳои диг.

**КОЛЛЕКТИ́В,** [лот. collectivus]. Маҷмуи одамони кору машғулият ва манфиатҳояшон умумӣ; одамони ба ҳайати як корхона, муассиса, ташкилот дохилшаванда.

**КОЛЛЕКТИВИ́ЗМ,** [< *коллектив*]. **1**. Умумӣ будани меҳнат, ҳосили меҳнат, моликият. **2**. Ҳамкорӣ ва ёрии рафиқона, ки ба тобеъ будани манфиатҳои шахсӣ ба манфиатҳои умумӣ асос ёфтааст (баръакси *индувидуализм*).

**КОЛЛЕКТИВӢ,** [< *коллектив*]. Даст(а)ҷамъона; умумӣ, муштарак.

**КОЛЛЕ́КТОР**, [< лот. collector ҷамъкунанда]. **1**. Шахс ё муассисае, ки ягон чизро ҷамъ мекунад, ба рӯихат медарорад, нигоҳ медорад ё ба муассисаҳои тобеаш тақсим мекунад, мас., К.-и китобхона. **2**. *тех*. Номи баъзе асбобу таҷҳизоти техникӣ, мас., К.-и муҳаррики дарунсӯз. **3**. *тех*. Қисми *генератор*, ки дар он ҷараёни тағйирёбанда ба ҷараёни доимӣ табдил меёбад. **4**. Қубури калоне, ки газу оби аз дигар қубуру каналҳо омадаро ҷамъ карда, берун мепартояд. **5** Роҳрави зеризаминии таги кӯчаҳо барои гузарондани кабелу қубурҳо. **6**. Ҷиҳозе, ки барои қабул ё дошта гирифтани селаи электронҳо хизмат мекунад, мас., *электрод*.

**КОЛЛЕКСИОНЕ́Р (КОЛЛЕКЦИОНЕ́Р),** [< лот. collector ҷамъкунанда]. Ҷамъкунандаи ягон чиз; коллексиякунанда.

**КОЛЛЕ́КСИЯ (КОЛЛЕ́КЦИЯ),** [< лот. collectio ҷамъ кардан]. Маҷмуи мураттаби ашёи якҷинса, ки аҳамияти таърихӣ, илмӣ, бадеӣ, эстетикӣ доранд, мас., К.-и шапалакҳо, тангаҳо, суратҳо, минералҳо ва ғ.

**КОЛЛЕНХИ́МА,** [< юн. kolla ширеш + enchyma бофта]. *бот*. Яке аз бофтаҳои механикии растаниҳо; К. асосан дар пӯстлохи пояи растаниҳои дупалла мешавад.

**КО́ЛЛИ,** [англ. collie]. Саги чӯпонии шотландӣ.

**КОЛЛИ́ЗИЯ,** [< лот. collisio бархӯрдан, мухолифат кардан]. **1**. Задухӯрд ё мухолифати қувваҳо, мақсадҳо ва манфиатҳои ба ҳамдигар зид. **2**. *ҳуқ*. Мухолифати байни қонунҳои як давлат.

**КОЛЛИМА́ТОР,** [< лот. collineare ба хати рост равон кардан]. *физ*. Системаи оптикӣ барои ҳосил кардани дастаи шуоъҳои мувозӣ (*паралел*).

**КОЛЛИМА́ТСИЯ (КОЛЛИМА́ЦИЯ),** [< лот. collineare ба хати рост равон кардан]. *физ*. Хато нишон додани асбоби оптикӣ бо сабаби қоим (*перпендикуляр*) набудани тири даврзании лӯла нисбати тири оптикии он.

**КОЛЛИНЕАРӢ,** [< *ко*... + лот. linea хат]. *мат*. В е к т о р ҳ о и К . – *векторҳое*, ки дар як хати рост ё дар хатҳои рости мувозӣ (*паралел*) хобидаанд.

**КОЛЛО́ДИЙ,** [< юн. kollodes часпак]. Маҳлули ғализи шаффофе, ки аз омехтаи *селлюлоза* ва спирту эфир ҳосил мешавад; ҳангоми ба пӯст молидан К. сахт шуда, пардаи тунуки мустаҳкам ҳосил мекунад; К.-ро асосан дар ҷарроҳӣ истифода мебаранд.

**КОЛЛО́ИД,** [< юн. kolla ширеш + eidos намуд]. *хим*. Системаи *дисперсие*, ки фазаи мобайнии *суспензия* ва *эмулсия* ба шумор меравад.

**КОЛЛОИДӢ,** [< *коллоид*]. *хим*. С и с т е м а и К . – ниг. *коллоид*.

**КОЛЛО́КВИУМ,** [< лот. colloquium суҳбат]. **1**. Яке аз шаклҳои имтиҳон – суҳбати муаллим бо талабагон бо мақсади фаҳмидани сатҳи дониши онҳо. **2**. Ҷамъомади илмӣ барои шунидан ва муҳокима кардани маъруза.

**КОЛЛ-СЕНТР (КОЛЛ-ЦЕНТР)**, [англ. callcentre < call занг задан + centre марказ]. Маркази хизматрасонии алоқаи телефонӣ ва коркарди зангҳои воридшаванда ва хориҷшаванда.

**КО́ЛО,** [серб., хорв.]. Як навъ рақси умумии халқӣ, ки дар байни славянҳои ҷанубӣ маъмул аст; раққосон давра истода, ҳам мерақсанду ҳам менавозанд. || Мқс. хоровод.

**КОЛОКВИ́НТ,** [< юн. kolokynthe каду]. *бот*. Растании бисёрсолаи печанда аз оилаи кадуҳо; меваааш исҳоловар аст.

**КО́ЛОН[1],** [< лот. colonus деҳқон]. *таър*. Муздур; чоряккор; дар империяи Рим – деҳқоне, ки заминро аз заминдори калон ба иҷора мегирифт ва музди иҷораро бо пул ё бо маҳсулот медод; дар асрҳои миёна К.-ҳо рафта-рафта ба *крепостнойҳо* табдил ёфтанд.

**КОЛО́Н[2],** [исп. colon < Colon Колумб]. Воҳиди пули Коста-Рика (баробари 100 сентимо) ва Салвадор (баробари 100 сентаво); ба шарафи Христофор Колумб номгузорӣ шудааст.

**КОЛОНА́Т,** [< лот. colonatus]. *таър.* Дар империяи Рим – шакли муносибатҳои истеҳсолии байни заминдори калон ва истеҳсолкунандаи бевоситаи маҳсулоти кишоварзӣ – *колон*[1].

**КОЛОНИАЛИ́ЗМ,** [< *колония*]. Мустамликадорӣ; мамлакатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳарбӣ ақибмондаро забт намудани мамлакатҳои пурқувват.

**КОЛОНИЗА́ТОР,** [< *колония*]. Мустамликадор.

**КОЛОНИЗА́ТСИЯ (КОЛОНИЗА́ЦИЯ),** [< *колония*]. Мустамлика кардан; истило; К.-и дохилӣ – корам, обод ва маскун кардани заминҳои бекорхобидаи мамлакати худ; К.-и берунӣ – забт намудан ва ба мустамликаи худ табдил додани мамлакати бегона ё як қисми он.

**КОЛОНИ́СТ,** [< *колония*]. **1**. Сокини маҳалла ё шаҳраке, ки дар он муҳоҷирони аз мамлакат ё вилояти дигар омада зиндагӣ мекунанд. **2**. Узви ҷамъияти ҳамдиёрон, ки дар мамлакат ё шаҳри дигар зиндагӣ мекунанд.

**КОЛО́НИЯ,** [лот. colonia]. **1**. Дар замонҳои қадим – қасабаи муҳоҷирон; деҳа, маҳалла ё кӯчаи шаҳрвандони як мамлакат дар мамлакати дигар. **2**. Мустамлика; мамлакате, ки аз тарафи мамлакати дигар зӯран истило ва истисмор карда мешавад. **3**. Ҷамъияти ҳамдиёрон – шаҳрвандони як мамлакат, ки дар мамлакати дигар зиндагӣ мекунанд. **4**. Муассисаиислоҳи меҳнатӣ; маҳбас. **5**. Ҷамъшавии бактерияҳо ё микроорганизмҳои диг. дар муҳити ғизодор.

**КОЛО́НКА,** [< лот. columna сутун]. **1**. Сутун; матни амудӣ ҷойгиршуда дар рӯзнома, маҷалла ва м. инҳо. **2**. Зарфи дарозрӯя (силиндршакл) барои гарм кардани об. **3**. Таҷҳизот барои рехтани сӯзишворӣ (бензин, карасин ва ғ.) ба воситаҳои нақлиёт. **4**. Нуқтаи водопровод дар кӯча ё дар рӯи ҳавлӣ. **5**. *гуфт.* Ниг. *динамик.*

**КОЛО́ННА,** [лот. columna]. **1**. *меъм.* Сутун, поя. **2**. Сафе, ки дар он одамон (аскарон, варзишгарон) ва воситаҳои нақлиёт (автомобилҳо, техникаи ҳарбӣ) яке аз паси дигар ҷойгир шудаанд.

**КОЛОННА́ДА,** [фр. colonnade]. *меъм.* Қаторсутун; қатори сутунҳои зери як бом.

**КОЛОНТИ́ТУЛ,** [ол. Kolumnentitel]. Матни кӯтоҳе, ки дар баъзе китобҳо дар ҳошияи болоӣ ё поёнии ҳар як саҳифа ҷой дода мешавад; дар К. номи китоб ё сарлавҳаи фасли китоб ё калимаҳои аввалин ва охирини саҳифа ва ё сарҳарфҳои онҳо (мас., дар луғатҳо) навишта мешавад.

**КОЛОРАТУ́РА,** [ит. coloratura]. *мус.* Дар сурудхонӣ – зинат додани суруд бо *пассажҳои* мураккабу савтҳои марғуланок.

**КОЛОРИ́МЕТР,** [< лот. color ранг + ...*метр*]. Рангсанҷ; асбоб барои чен кардани баландии рангҳо, инчунин барои санҷидани рангҳои манбаъҳои рӯшноӣ, экрани телевизор ва ғ.

**КОЛОРИ́СТ,** [< лот. color ранг]. Рассоме, ки аз рангҳо моҳирона истифода мебарад; устои *колорит*.

**КОЛОРИ́Т,** [ит. colorito < лот. color ранг]. **1**. Таносуби рангҳо ва тобиши онҳо дар асари санъати тасвирӣ. || Мқс. палитра. **2**. *маҷ*. Маҷмуи хусусиятҳои ин ё он чиз (асари бадеӣ, давра, маҳал ва ғ.).

**КОЛО́СС,** [< юн. kolossos ҳайкали калон]. **1**. Бути азим; ҳайкал ё муҷассамаи бузург. **2**. *маҷ*. Шахси бузург, муаззам, муътабар.

**КОЛОФО́Н,** [юн. қад. kolophonos]. Матни саҳифаи охири китобҳои дастнавис ё чопии қадим, ки дар он номи китоб, маълумоти мухтасар дар бораи муаллиф ё котиби он, замон ва маҳалли чопи он зикр карда мешавад.

**КОЛУМБАРИЙ,** [лот. columbarium]. Турбатҷо; хонаи махсус ё токча дар девор барои нигоҳ доштани зарфи дорои хокистари мурдаи сӯзондашуда (баъди *крематсия*).

**КОЛУМБИ́Т,** [лот. columbium]. *маъд*. Минерал аз гурӯҳи танталониобатҳо – оксиди мураккаби *ниобий* бо омехтаҳои оҳан марганетс ва металлҳои диг.; аз К. ниобий ҳосил мекунанд.

**КОЛУМНИ́СТ**, [англ. columnist]. Муаллифи доимии саҳифа, сутун, гӯша ё рубрикаи маҷалла ё рӯзнома.

**КО́ЛХИКУМ,** [лот. Colchicum]. *бот*. Растании бисёрсолаи заҳрнок аз оилаи савсанҳо; дар баргу поя ва тухмаш *алкалоиди* бисёр мавҷуд аст; дар тиб истифода мебаранд.

**КОЛХО́З,** [< рус. кӯтоҳшудаи коллективное хозяйство хоҷагии коллективӣ]. *таър*. Дар СССР – иттиҳодияи истеҳсолии деҳқонон барои дастҷамъона иҷро намудани корҳои кишоварзӣ; бар хилофи *совхоз*, дар К. воситаҳои истеҳсолот умумӣ, ҷамъиятӣ буданд; ҳоло ҷои онҳоро хоҷагиҳои (ширкатҳои) деҳқонию фермерӣ гирифтаанд, ки назар ба К.-ҳо чандин маротиба хурдтар мебошанд. || Мқс. совхоз.

**КОЛЧА́Н,** [тотор.]. *таър*. Тирдон; тиркаш.

**КОЛЧЕДА́Н,** [лот. calcedoine]. *маъд*. Номи умумии пайвастҳои сулфурдор.

**КОЛДКРЕМ (КОЛЬДКРЕ́М)**, [англ. cold cream]. Марҳами нармкунандаи пӯст, ки аз омехтаи *ланолин*, об, равғани растанӣ ва *глитсерин* тайёр карда мешавад. || Мқс. вазелин, крем.

**КОЛЙЕ́ (КОЛЬЕ́),** [фр. collier]. Шаддаи зару зевар, марҷон ва м. инҳо.

**КОЛМАТАЖ (КОЛЬМАТАЖ),** [< фр. colmater пур кардан]. **1**. Таҳшиншавии табиии заррахои ҳалнашудаи об дар сатҳи замин (одатан дар заминҳои дарёбод, ҷойҳои

пасти соҳилҳои баҳр ва ғ.). **2**. Сӯрохиҳои канал, обанбор, ҳавзҳо ва ғ.-ро пур кардани зарраҳои гилу лойқа.

**КОЛПИ́Т (КОЛЬПИ́Т),** [< юн. kolpos маҳбал]. *тиб.* Илтиҳоби луобпардаи маҳбал дар натиҷаи ба маҳбал даромадани бактерияҳои гуногун (*гонококк, трихомонада* ва м. инҳо); *вагинит* низ гӯянд.

**КОЛПОСКО́П (КОЛЬПОСКО́П),** [< юн. kolpos маҳбал]. *тиб.* Асбоби пурбинмонанд барои муоинаи узвҳои таносули зан.

**КОЛПОСКОПИ́Я (КОЛЬПОСКОПИ́Я),** [< юн. kolpos маҳбал + …*скопия*]. *тиб.* Муоинаи узвҳои таносули зан бо ёрии *колпоскоп.*

**КОЛРА́БИ (КОЛЬРА́БИ),** [ол. Kohlrabi]. *бот.* Навъи караме, ки пояи ғафси хӯрданбоб дорад.

**КОЛТ (КОЛЬТ),** [англ. colt]. Як навъ таппонча, ки муҳандиси яроқсози амрикоӣ С. Колт ихтироъ намудааст. || Мқс. револвер, браунинг, маузер, наган.

**КОЛЮ́Р,** [лот. coluri]. *астр.* **1**. Давраи калони осмон, ки аз қутбҳои олам ва нуқтаҳои эътидоли баҳорӣ ва тирамоҳии шабу рӯз мегузарад. **2**. Давраи калони осмон, ки аз қутбҳои олам ва нуқтаҳои инқилоби тобистонию зимистонии Офтоб мегузарад.

**КОЛЯ́ДКАҲО,** [< лот. Calendae рӯзи якуми моҳ]. Сурудҳои маросимии славянҳо ва баъзе халқҳои дигари оилаи ҳиндуаврупоӣ; насрониён одатан дар рӯзи мавлуди Исо мехонанд.

**КОЛЯ́СКА,** [рус.]. **1**. Ароба; *фойтун.* **2**. Аробачаи кӯдакона. **3**. Аробачаи маъюбон.

**КОМ, КО́МОС,** [юн. қад. komos]. Дар асотири юнониёни қадим – худои базму зиёфатҳо.

**КО́МА¹,** [< юн. koma хоби гарон]. *тиб.* Иғмо; ҳолати беҳушие, ки ҳангоми он гардиши хун, нафаскашӣ ва мубодилаи моддаҳо қатъ гардида, ҳамаи узвҳои ҳис аз кор мемонанд; дар натиҷаи сактаи мағзи сар (*инсулт*), *гепатит*, диабети қанд, саръ, зарб хӯрдани сар, заҳролудшавӣ ва ғ. рӯй медиҳад. || Мқс. коллапс, шок.

**КО́МА²,** [< юн. kome мӯй]. **1**. *астр.* Туманпардаи газии мағзи (*ядрои*) комета, ки якҷоя бо мағз сари кометаро ташкил медиҳад. **2**. Яке аз намудҳои *аберратсия* – таҳрифи тасвир дар асбоби оптикӣ; дар натиҷаи К. тасвири ин ё он ашё шакли доғи каҷу килебро мегирад.

**КОМА́НДА,** [фр. commande]. **1**. *ҳарб.* Фармони даҳонии *командир* (сардор), мас., «ба чап гард!». **2**. *ҳарб.* Дастаи зиёда аз сенафараи хизматчиёни ҳарбӣ, ки барои иҷрои ягон амалиёт ташкил карда мешавад, мас., К.-и минаҷӯйҳо, К.-и сӯхторнишонӣ. **3**. *варз.* Дастаи варзишгарон, мас., К.- футболбозон. **4**. Ҳайати шахсии киштӣ. **5**. *инф.* Унсури барнома – дастур оид ба амалиёти муайяни компютер. || Мқс. оператор.

**КОМАНДА́РМ,** [< *командир* + *армия*]. *ҳарб*. **1**. Номи мухтасари мансаби ҳарбӣ – фармондеҳи армия. **2**. Рутбаи ҳарбии ҳайати фармондеҳии олии Армияи Сурх дар солҳои 1935 – 1940.

**КОМАНДИ́Р,** [фр. commandeur]. **1**. *ҳарб*. Сардори ҷузъу томҳои ҳарбӣ ё киштии ҳарбӣ, мас., К.-и танк, рота, полк ва ғ. **2**. Дар СССР ва ҳоло дар ИДМ – сардори отряди бинокорӣ ё кишоварзии донишҷӯён.

**КОМАНДИРО́ВКА,** [< рус. командировать фиристодан]. Сафари хидматӣ; барои иҷрои супориши хизматӣ шахсеро аз ҷои асосии кораш ба ҷои дигар фиристодан.

**КОМАНДО́Р,** [фр. commandeur]. **1**. *таър*. Дар асрҳои миёна – яке аз унвонҳои олӣ дар ордени динию *ритсарӣ*. **2**. Роҳбари пойгаи варзишӣ (автомобилӣ, асптозӣ, велосипедронӣ ва ғ.). **3**. Дар баъзе мамлакатҳо – рутбаи ҳарбии афсари *флот* ва шахсе, ки чунин рутба дорад. **4**. Унвони олии фахрӣ дар Италия, ки барои хизматҳои бузург дар соҳаҳои иқтисод, илм ва фарҳанг дода мешавад.

**КОМБА́ЙН,** [< англ. combine пайваст]. Маҷмуи мошинҳои корӣ, ки дар як вақт чандин амали гуногунро иҷро менамояд, мас. К.-и ғаллағундор, К.-и ангиштткан, К.-и ошхона ва ғ.

**КОМБА́Т,** [< *командир* + *батальон*]. *ҳарб*. **1**. Номи мухтасари мансаби ҳарбии командири *баталйон*. **2**. Рутбаи ҳарбӣ дар Армияи Сурх (солҳои 1935 – 1940).

**КОМБАТА́НТ,** [< фр. combattant сарбоз, ҷанговар]. Дар ҳуқуқи байналмилалӣ – шахсе, ки ба ҳайати қувваҳои мусаллаҳи давлати ҷангкунанда дохил мешавад ва дар амалиётҳои ҷангӣ бевосита иштирок менамояд; баракси *нонкомбатант*.

**КОМБИНА́Т,** [< лот. combinare пайваст кардан]. **1**. Иттиҳодияи корхонаҳои саноатие, ки маҳсулоти яке аз онҳо барои корхонаҳои дигар маҳсулоти хом, маҳсулоти нимтайёр ё маҳсулоти ёрирасон мешавад. **2**. Дар СССР ва ҳоло дар ИДМ – иттиҳодияи корхонаҳои хурди саноати маҳаллӣ (мас., К.-и хизмати маишӣ, ки аз сехҳои хушкашӯӣ, либосдӯзӣ, тармими пойафзол, сартарошхонаҳо ва ғ. иборат аст).

**КОМБИНАТО́РИКА,** [< лот. combinare пайваст кардан]. *мат*. Соҳаи математика, ки ба якдигар пайваст кардани (*комбинатсияҳои*) ашё ё аломатҳоро, аниқтараш, ҷойивазкунӣ, ҷойгиркунонӣ ва мувофиққунонии онҳоро меомӯзад; мас., аз се ҳарф – a, b, c шаш навъи ҷойивазкунӣ сохтан мумкин аст: abc, bca, cab, cba, bac, acb.

**КОМБИНА́ТСИЯ (КОМБИНА́ЦИЯ),** [< лот. combinare пайваст кардан]. **1**. Мос овардан; бо тартиби муайян мувофиқ, пайваст ё ҷобаҷо намудани чизе, амале. **2**. *маҷ*. Ҳила, найранг, макр. **3**. Маҷмуи усулу нақшаҳо барои ба даст овардани ягон мақсади мураккаб, мас., К.-и шоҳмот. **4**. Пироҳани беостини занона, ки аз таги курта мепӯшанд.

**КОМБИНЕЗО́Н,** [фр. combinaison < лот. combinare пайваст кардан]. Камзуле, ки бо шим пайваст (яклухт) аст; либоси кории ангиштканон, сохтмончиён, ронандагон ва м. инҳо.

**КОМБРИ́Г,** [< *командир* + *бригада*]. *ҳарб*. **1**. Номи мухтасари мансаби ҳарбии командири *бригада*. **2**. Рутбаи ҳарбии ҳайати фармондеҳии олии Армияи Сурх дар солҳои 1935 – 1940.

**КОМБУСТИО́ЛОГ**, [< англ. combust сӯхтан]. Сӯхташинос; табиб, мутахассиси узвҳои сӯхта.

**КОМДИ́В,** [< *командир* + *дивизия*]. *ҳарб*. **1**. Номи мухтасари мансаби ҳарбии командири *дивизия*. **2**. Рутбаи ҳарбии ҳайати фармондеҳии олии Армияи Сурх дар солҳои 1935 – 1940.

**КОМЕДИА́НТ,** [ит. commediante < лот. comoedia]. **1**. То асри 18 – номи актёр; баъдтар – иҷрокунандаи нақшҳо дар намоишҳои масхарабозони сайёр. || Мқс. буффон, комик. **2**. *маҷ*. Фиребгар, дурӯя, сохтакор, қаллоб.

**КОМЕДИОГРАФ,** [< *комедия* + *…граф*]. *куҳна*. Мазҳаканавис.

**КОМЕ́ДИЯ,** [ит. commedia < лот. comoedia]. **1**. Дар Юнони Қадим – намоиши карнавалӣ ва сурудхонӣ ба шарафи худо Дионис. **2**. Мазҳака; асари драмавии шӯхи хушҳолкунанда. **3**. *маҷ*. Воқеаи аҷоиб ва хандаовар. **4**. *маҷ*. Дурӯягӣ, риёкорӣ, мунофиқӣ.

**КОМЕ́ДИЯ ДЕЛ А́РТЕ (КОМЕ́ДИЯ ДЕЛЬ А́РТЕ),** [ит. commedia dell arte]. Намуди театри халқӣ, ки асрҳои 16 – 17 дар Италия пайдо шудааст (ба истилоҳ – мазҳакаи ниқобҳо); спектаклҳои ин театр бадоҳатан дар шакли *буффонада* иҷро карда мешуданд.

**КОМЕНДА́НТ,** [фр. commandant]. **1**. Сардори тамоми қушунҳои қалъаи ҳарбӣ ё истеҳкоми мудофиавӣ. **2**. Дар *гарнизон* ё лагери ҳарбӣ – шахси мансабдор аз ҳайати афсарон, ки ба иҷрои хидмати қаровулӣ, нигоҳдории маҳбусон дар *гаупвахтаи* гарнизон, ба рафтору интизоми хизматчиёни ҳарбӣ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, риояи тартибот дар гарнизон назорат мекунад. **3**. Дар истгоҳи роҳи оҳан ва бандар – шахсе, ки дар ҳудуди истгоҳ ё бандар вазифаи К.-и гарнизонро иҷро менамояд. **4**. Мудири хобгоҳ.

**КОМЕНДАТУ́РА,** [ол. Kommandantur]. Идораи *комендант*; муассисае, ки ба он комендант роҳбарӣ мекунад, инчунин бинои ҳамин муассиса.

**КОМЕНДО́Р,** [< англ. commander сардор, командир]. *таър*. Дар флоти Россия (асри 18 – ав. асри 20) – рутбаи тӯпчии киштӣ.

**КОМЕ́ТА,** [< юн. kometes aster ситораи мӯйдор]. **1**. *астр*. Ситораи думдор; зузанаб; ҷирми осмонӣ, ки зоҳиран объекти туманшакл буда, ядрои мунир ва дум дорад; ҳангоми ба офтоб наздик шуданаш бо таъсири гармӣ аз худ газ хориҷ мекунад. ||

Мқс. метеор, метеорит. **2**. К.-и сунъӣ – абри буғи натрий, ки олати парвозкунанда аз худ хориҷ мекунад; барои муоинаи оптикии рафти парвоз, инчунин гузарондани тадқиқоти илмӣ истифода мешавад.

**КО́МИК,** [юн. қад. komikos]. **1**. Актёри ширинкор, иҷрокунандаи нақшҳои мазҳакавӣ. **2**. *маҷ*. Шахсе, ки бо сухану рафтори худ дигаронро механдонад.

**КО́МИКС,** [англ. comics]. Силсилаи суратҳои ҳаҷвии матндор, ки аз ягон воқеа ҳикоя мекунанд, инчунин китобчае, ки чунин суратҳо дорад.

**КОМИЛФО́ (КОМИЛЬФО́),** [< фр. comme il faut тавре ки лозим аст]. **1**. Мувофиқ бо расму қоидаҳои маъмулшуда. **2**. Марди хуштарбия, некӯахлоқ, баодоб.

**КО́МИНГС,** [англ. coamings]. Сарпӯши палконаи (*люки*) саҳни киштӣ, ки аз вараҷи пӯлодин ё чӯбтахтаҳои ғафс сохта мешавад.

**КОМИНТЕ́РН,** [< рус. кӯтоҳшудаи Коммунистический Интернационал]. *таър*. Интернатсионали Коммунистӣ ё худ Интернатсионали III; ташкилоти байналмилалие, ки ҳизбҳои коммунистии мамлакатҳои гуногунро муттаҳид менамуд; с. 1919 ташкил шуда, с. 1943 фаъолияташро қатъ кард.

**КОМИССА́Р,** [фр. commissarie < лот. commissarius ваколатдор]. **1**. Роҳбари дорои ваколатҳои ҳарбӣ, ҷамъиятию сиёсӣ ва маъмурӣ; К.-и халқӣ – дар СССР солҳои 1917 – 1946 аъзои ҳукумат, роҳбари комиссариати халқӣ; К.-и ҳарбӣ – солҳои 1918 – 1942 корманди сиёсӣ дар Армияи Сурх, ки дар баробари командир барои қобилияти ҷангӣ ва вазъияти сиёсӣ дар қӯшунҳо масъул буд. **2**. Дар мамлакатҳои ИДМ – роҳбари комиссариати ҳарбӣ. **3**. Дар баъзе мамлакатҳо – унвони сардори политсия, инчунин шахсе, ки чунин унвон дорад. **4**. Ваколатдори махсуси ягон ташкилоти байналмилалӣ, мас., К.-и СММ оид ба ҳуқуқи инсон.

**КОМИССАРИА́Т,** [< *комиссар*]. **1**. Дар СССР – номи як қатор муассисаҳои маъмурии давлатӣ; комиссариати халқӣ – аз с. 1917 то с. 1946 (то ташкил шудани вазоратҳо) – мақоми марказӣ ва ҷумҳуриявии идоракунии соҳаҳои гуногун, мас., К.-и халқии маориф, К.-и халқии хоҷагии қишлоқ. **2**. Комиссариати ҳарбӣ – идораи маҳаллии ҳарбӣ, ки вазифаи асосии он бақайдгирӣ ва ба хизмати ҳарбӣ даъват кардани шаҳрвандон мебошад.

**КОМИССИОНЕ́Р,** [фр. commissionnaire]. *тиҷ*. Миёнарав дар савдо; шахс ё ташкилоте, ки ба ивази фоизи муайян ба фоидаи *комитент* ва аз ҳисоби комитент, вале аз номи худ муомалаи тиҷоратиро ба ҷо меорад. || Мқс. брокер, дилер, маклер.

**КОМИССИОНӢ,** [< *комиссия*]. Савдои К. – моле, ки ба воситаи шахси сеюм (*комиссионер*) харида ё фурӯхта мешавад; фурӯшгоҳи К. – фурӯшгоҳест, ки молҳои одамонро фурӯхта медиҳад ва ба ивази хизматаш аз соҳиби мол фоизи муайян мегирад.

**КОМИ́ССИЯ,** [фр. commission < лот. commissio супориш]. **1**. Гурӯҳи одамони дорои ваколатҳои махсус дар назди муассиса, ташкилот, инчунин муассисаи таъйиноти махсус, мас., К.-и интихобот, К. оид ба корҳоиноболиғон. **2**. *тиҷ., мол.* Муомалаи тиҷоратие, ки шахс ё ташкилот (*комиссионер*) ба ивази фоизи муайян ба фоидаи *комитент* ва аз ҳисоби комитент, вале аз номи худ ба ҷо меорад. **3**. Баҳодиҳӣ ба арзиши мол ҳангоми хариду фурӯши он ва нигоҳ доштани як қисми ин арзиш ба фоидаи муассисаи баҳодиҳанда.

**КОМИТА́Т,** [< лот. comitatus вилоят]. Калонтарин воҳиди маъмурию ҳудудӣ дар Венгрия.

**КОМИТЕ́НТ,** [< лот. commitens супоришдиҳанда]. *мол., тиҷ.* Тарафе, ки ба тарафи дигар (*комиссионер*) дар хусуси аз номи худ ба ҷо овардани муомалаи тиҷоратӣ супориш медиҳад (ба ивази музди муайян).

**КОМИТЕ́Т,** [< лот. committo супориш медиҳам]. **1**. Кумита; номи баъзе мақомоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, мас., К.-и андоз, К.-и ҳуқуқи инсон. **2**. Мақоми (*органи*) *коллегиалӣ*, ки ба ягон соҳа роҳбарӣ мекунад, мас., К.-и иттифоқи касаба. **3**. Мақоми (*органи*) роҳбарикунандаи ҳизбҳои сиёсӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ, мас., К.-и марказии ҳизби коммунистӣ.

**КОМИ́ТСИЙ (КОМИ́ЦИЙ),** [лот. comitia]. *таър.* Дар Рими Қадим – мақоми олии ҳокимият – маҷлиси шаҳрвандони озод, ки одамонро ба мансабҳои давлатӣ таъйин мекард, қонуну қарорҳо мебаровард ва масъалаҳои ҷанг ва сулҳро ҳал менамуд.

**КОМКО́Р,** [< *командир* + *корпус*]. *ҳарб.* **1**. Номи мухтасари мансаби ҳарбии командири *корпус*. **2**. Рутбаи ҳарбии ҳайати фармондеҳии олии Армияи Сурх дар солҳои 1935 – 1940.

**КОММА́НДОС,** [англ. commandos]. **1**. *таър.* Дастаҳои сарбозони халқии бур, ки дар ҷанги Англияю Бур (солҳои 1899 – 1902) амал мекарданд. **2**. Дастаҳои зудамали пиёдагардони баҳрӣ ва қӯшунҳои ҳавоию десантӣ дар Британияи Кабир ва ИМА, ки барои амалҳои харобкорию таҷассусӣ (диверсионию разведкавӣ) таъйин шудаанд. || Мқс. рейнҷер.

**КОММЕНДА́ТСИЯ (КОММЕНДА́ЦИЯ),** [< лот. commendatio тавсия]. *таър.* Дар Аврупои Ғарбии асримиёнагӣ – санаде, ки тобияти *вассалро* ба *сенйор* ё деҳқонро ба феодали заминдор тасдиқ мекард.

**КОММЕНСАЛИ́ЗМ,** [< лот. commensalis ҳамтабақ]. *биол.* Ҳамзистии ду намуди гуногуни ҳайвонот; дар ин маврид як ҳайвон (*комменсал*) ба дигараш зарар нарасонда, аз ҳисоби вай зиндагӣ мекунад. || Мқс. мутуализм, паразитизм, симбиоз.

**КО́ММЕНТ**, [англ. comment]. *инф.* Тафсир, шарҳи *пост* (ниг. пост) дар маҷаллаи зинда ё дар ҳама гуна саҳифаи интернетии диг.

**КОММЕРСА́НТ,** [< лот. commersium]. Тоҷир, савдогар.

**КОММЕ́РСИЯ (КОММЕ́РЦИЯ),** [лот. commersium]. Тиҷорат; савдо ва амалиёти бо он алоқаманд.

**КОММИВОЯЖЁР,** [фр. commis voyageur]. Гумошта; намояндаи ширкати савдо, ки ба маҳалҳо сафар карда, моли ширкатро аз рӯи феҳрист (*каталог*) ва намунаҳои дар даст доштааш ба харидорон пешниҳод мекунад.

**КОММОДО́Р,** [англ. commodore]. Рутбаи ҳарбӣ дар қувваҳои ҳарбии баҳрӣ ва ҳавоии баъзе мамлакатҳо.

**КО́ММОНЕР,** [англ. commoner]. Узви палатаи поёнии парламенти Британияи Кабир. || Мқс. конгрессмен.

**КОМО́ТСИЯ (КОММО́ЦИЯ),** [< лот. commotus асабишуда, аз ақл бегонашуда]. *тиб.* Лати мағзи сар; ҷунбидани майна; садамаи дарунии мағзи сар, ки бо чарх задани сар, дилбеҳузурӣ, қай, беҳушшавӣ, набзи суст, нафаскашии номураттаб, паридани ранги рӯй зоҳир мегардад.

**КОММУ́НА,** [фр. commune < лот. communis умумӣ, умумхалқӣ]. **1**. *таър.* Дар Аврупои Ғарбии асрҳои миёна – як шакли худидоракунии шаҳрӣ. **2**. Гурӯҳи одамон, ки барои зиндагонӣ дар асоси умумӣ будани воситаҳои истеҳсолот, инчунин моликият ва меҳнат муттаҳид шудаанд. **3**. Воҳиди маъмурию ҳудудӣ дар Фаронса ва баъзе мамлакатҳои диг. || Мқс. губерния, департамент, штат. **4**. *таър.* К о м м у н а и  П а р и ж – аввалин инқилоби пролетарӣ ва аввалин ҳукумати коргарон, ки дар Париж аз 18 март то 28 майи с. 1871 вуҷуд дошт. **5**. *таър.* К . - и к и ш о в а р з ӣ – дар солҳои аввали ҳокимияти шӯравӣ – яке аз шаклҳои кооперативи деҳқонон, ки баъдтар ба *колхоз* табдил дода шуд.

**КОММУНАЛӢ,** [фр. communal < лот. communis умумӣ]. Мансуб ба *коммуна*; умумӣ ҷамъиятӣ; к в а р т и р а и  К . – хонае (квартирае), ки дар он якчанд оила зиндагӣ мекунад; х и з м а т ҳ о и  К . – хизматҳое, ки ба ҳамаи сокинони хона, кӯча ё маҳалла расонда мешаванд – таъмини об, газ, канализатсия, барқ, гармидиҳӣ ва ғ.; х о ҷ а г и и  К . – маҷмуи корхонаю муассисаҳое, ки ба аҳолии шаҳрҳо, шаҳракҳо, деҳаҳо хизматҳои гуногуни коммуналӣ мерасонанд.

**КОММУНА́Р,** [< *комунна*]. **1**. Иштирокчии Коммунаи Париж; **2**. Узви ягон *комунна*.

**КОММУНИ́ЗМ,** [< лот. communis умумӣ, умумхалқӣ]. Номи умумии назарияҳои гуногуне, ки асоси онҳоро инкори моликияти хусусӣ ва тақсими баробари неъматҳои моддӣ ташкил медиҳад, мас., К.-и ибтидоӣ, К.-и библиявӣ, К.-и *утопиявӣ* (хаёлӣ) ва ғ.; дар марксизм – *форматсияи* бесинфи ҷамъиятию иқтисодие, ки ба ҷои капитализм меояд ва дар рафти инкишофи худ ду зинаро тай мекунад: зинаи поёнӣ – сотсиализм ва зинаи олӣ – коммунизми пурра.

**КОММУНИКА́ТСИЯ (КОММУНИКА́ЦИЯ),** [лот. communicatio]. **1**. Роҳи (хати) алоқа, мас., К.-и ҳавоӣ, К.-и телефонӣ. **2**. Робита, алоқа; муошарат, гуфтугӯ. **3**.

Шабакаи зеризаминии хоҷагии коммуналии шаҳр (водопровод, газопровод, канализатсия ва м. инҳо).

**КОММУНИ́СТ,** [< лот. communis умумӣ, умумхалқӣ]. Узви ҳизби коммунистӣ.

**КОММУТАТИВӢ,** [< лот. commuto иваз мекунам]. *мат.* Қонуни К. – қонуни ивазпазирӣ; хосияти ҷамъ ва зарби ададҳо, ки бо айниятҳои $a+b = b+a$, $ab=ba$ ифода мешавад.

**КОММУТА́ТОР,** [< лот. commuto иваз мекунам]. **1**. *тех.* Асбоби электромеханикӣ ё электромагнитӣ, ки барои васлу қатъ ва дигар кардани самти ҷараён дар занҷир хизмат мекунад. **2**. Як навъ *стансияи* телефони маҳаллӣ, ки дар он муштариён бо якдигар дастӣ пайваст карда мешаванд.

**КОММЮНИКЕ́,** [фр. communique < лот. communicare хабар додан]. Изҳорот, баёнот; хабари расмии ҳукуматӣ дар бораи гуфтушунидҳои байнидавлатӣ, шартномаҳои байналмилалӣ ва м. инҳо.

**КОМО́Д,** [фр. commode]. Ҷевони қадпасти ғалладондор. || Мқс. гардероб, шифонйер.

**КОМПА́КТ-ДИ́СК,** [англ. compact disc]. Яке аз намудҳои *сидиром*; қурси (*диски*) оптикии дорои *сигналограммаи* кӯрнашаванда, ки барои сабти барномаҳои компютерӣ, мусиқӣ, видеонаворҳо ва ғ. хизмат мекунад.

**КОМПА́КТ-КАССЕ́ТА,** [англ. compact cassete]. *Кассетаи* иборат аз ду ғалтаки навори магнитӣ, ки дар магнитофону *плейерҳо* барои сабти овоз истифода мешавад.

**КОМПА́НИЯ,** [фр. compagnie]. **1**. Ширкат; иттиҳодияи тиҷоратӣ, саноатӣ, илмии соҳибкорон, ки дорои мақоми шахси ҳуқуқӣ мебошад. **2**. Гурӯҳи дӯстон, ҷӯраҳои улфат.

**КОМПАНЙО́Н (КОМПАНЬО́Н),** [фр. compagnon]. **1**. Шарик дар тиҷорат; ҳамширкат; шарикмол. **2**. Ҳамроҳ, шарик.

**КОМПАНЙО́НКА (КОМПАНЬО́НКА),** [фр. compagnonne]. Зане, ки барои вақтхушии хӯҷаинзан ва иҷрои супоришҳои ӯ киро карда мешавад.

**КОМПАРАТИ́В,** [< лот. comparativus муқоисавӣ]. *збш.* Дараҷаи муқоисавии сифат ва зарф. || Мқс. элатив.

**КОМПАРАТИВИ́ЗМ,** [< лот. comparativus муқоисавӣ]. *збш., адш.* Усули омӯзиши муқоисавӣ дар забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ, ки бо ёрии он робитаю мувофиқати байни забонҳо ва адабиётҳои миллӣ муқаррар карда мешавад.

**КОМПАРАТИВИ́СТИКА,** [< лот. comparativus муқоисавӣ]. *збш.* Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ.

**КОМПАРА́ТОР,** [< лот. comparatio муқоиса]. *тех.* Асбоби ченкунанда барои бо *эталон* муқоиса кардани бузургии ченшаванда.

**КО́МПАС,** [ҳол. kompas]. Қутбнамо; асбоб барои муайян кардани тарафҳои кураи Замин, меридианҳои географӣ ё магнитӣ; ақрабаки К. ҳамеша самти шимолро нишон медиҳад.

**КОМПАСӢ,** [< *компас*]. *бот.* Растаниҳои К. – растаниҳои қутбнамо; ҷинси растанию дарахтоне, ки баргҳояшон рӯ ба шимол ҷойгир шудаанд, мас. *эвкалипт.*

**КОМПАТРИО́Т,** [фр. compatriote]. Ҳамватан, ҳамдиёр.

**КОМПА́УНД,** [< англ. compound таркибӣ, омехта]. *тех.* **1**. Мошини буғии дусилиндра, ки дар он буғ аввал дар *силиндри* хурд васеъ мешавад ва сипас ба силиндри калон мегузарад. **2**. Масолеҳи *изолятсионӣ*, ки аз мумҳои *эпоксидӣ* ва *полиэфирӣ* тайёр карда шудааст; дар электротехника барои *герметизатсияи* асбобҳои гуногун истифода мебаранд.

**КОМПЕ́ДИТУС,** [лот. compeditus]. Дар Рими Қадим – ғуломе, ки ба пойҳояш завлона зада шудааст.

**КОМПЕ́НДИУМ,** [лот. compendium]. **1**. *тех.* Ҷиҳозе, ки аз *блендаи* зиддиофтобӣ иборат аст; барои насб кардани рӯшноиполо (*светофилтр*) дар назди объективи дастгоҳи киногирӣ хизмат мекунад. **2**. Ба таври умумӣ ва мухтасар баён намудани нуктаҳои асосии ин ё он тадқиқот, рисола ва м. инҳо. || Мқс. реферат, тезис.

**КОМПЕНСА́ТОР,** [< лот. compensare ҷуброн (талофӣ, баробар) кардан]. **1**. *физ.* Асбоб барои андозагирӣ ва танзими фарқи гардиши нурҳо дар *интерферометр* ё кунҷи даврзании сатҳи қутбиши (*поляризатсияи*) рӯшноӣ. **2**. *тех.* Асбоб барои баратараф намудани таъсири омилҳои гуногун (ҳарорат, фишор ва м. инҳо) ба кори мошин, таҷҳизот, дастгоҳ ва ғ.

**КОМПЕНСА́ТСИЯ (КОМПЕНСА́ЦИЯ),** [< лот. compensatio ҷуброн]. **1**. Ҷуброн, талофӣ; подош ё товон барои ягон чиз; пур кардани ҷои ягон чизе, ки аз байн рафтааст. **2**. *ҳуқ.* Усули қисман ё пурра қатъ кардани уҳдадорӣ, шартнома бо роҳи ба эътибор гирифтани иддаои қарздор ва қарздиҳанда. **3**. Пардохти маблағ барои рухсатии истифоданашуда. **4**. *тиб.* Осеби як узв ё бофтаро ҷуброн кардани узвҳо ё бофтаҳои осебнадида.

**КОМПЕТЕ́НСИЯ (КОМПЕТЕ́НЦИЯ),** [лот. competentia]. **1**. Салоҳият; доираи ваколату ҳуқуқҳое, ки қонун ба ин ё он муассиса ё шахси мансабдор додааст. **2**. Салоҳият; доираи масъалаҳое, ки шахс аз онҳо огоҳии пурра дорад ва ба ҳалли онҳо қодир аст.

**КОМПИЛЯТИВӢ,** [< лот. compilatio дуздӣ]. Ба *компилятсия* асосёфта; ҳар чизе, ки бо истифода аз натиҷаҳои тадқиқоти бегона таҳия шудааст, мас. мақолаи К.

**КОМПИЛЯ́ТОР,** [лот. compilator]. **1**. Асардузд; касе, ки бо *компилятсия* машғул аст. || Мқс. плагиатор. **2**. *инф*. Қисми системаи барномасозӣ, ки барномаҳоро аз забони барномасозӣ ба забони мошинӣ тарҷума мекунад.

**КОМПИЛЯ́ТСИЯ (КОМПИЛЯ́ЦИЯ),** [< лот. compilatio туздӣ]. **1**. Таълифи асари илмӣ ё адабӣ дар асоси рисолаи илмӣ ё асари адабии шахси дигар. || Мқс. плагиат. **2**. *кӯҳна*. Маҷмуи қонунҳо.

**КО́МПЛЕКС**, [< лот. complexus алоқа, таркиб]. **1**. Ҷамъи ашё, амалиёт, ҳодисаю хусусиятҳо, ки як чизи томро ташкил медиҳанд. **2**. Маҷмуи соҳаҳои бо якдигар алоқаманд, мас. К.-и агросаноатӣ, К.-и зенитию ракетӣ. **3**. Гурӯҳи иморату иншооти дорои таъйиноти якхела, мас., К.-и варзишӣ, К.-и меъморӣ.

**КОМПЛЕКСОМЕ́ТРИЯ,** [< *комплекс* + *...метрия*]. *хим*. Маҷмуи усулҳои *титриметрии* таҳлили химиявӣ, ки ба *реаксияҳои* комплексии симоб бо ионҳои иод, алюминий бо ионҳои фтор ва ғ. асос ёфтааст.

**КОМПЛЕКСОНОМЕ́ТРИЯ,** [< *комплексонҳо* + *...метрия*]. *хим*. Усули *титриметрии* таҳлили химиявӣ, ки ба ҳосил намудани пайвастҳои мустаҳками комплексии металлҳо бо *комплексонҳо* асос ёфтааст; барои ошкор намудани металлҳо дар конҳо, муайян кардани дурушти об ва ғ. истифода мешавад; *хелатометрия* низ гӯянд.

**КОМПЛЕКСО́НҲО,** [< лот. complexus алоқа, таркиб]. *хим*. Пайвастҳои комплексташкилдиҳандаи органикӣ (кислотаҳои аминополикарбонат ва ҳосилаҳои онҳо), ки радикали $N(CH_2COON)_2$ доранд; дар *комплексонометрия*, барои нарм кардани об, табобати заҳролудшавӣ аз металлҳо, рангубордиҳӣ ва ғ. истифода мешаванд.

**КОМПЛЕ́КТ,** [лот. completus пурра]. Маҷмуи пурраи ягон чиз, мас., К.-и асбобҳои дуредгарӣ; ҳайати пурраи гурӯҳ, даста, мас., К.-и талабагон.

**КОМПЛЕ́КСИЯ (КОМПЛЕ́КЦИЯ),** [лот. complexio]. Ҷусса, пайкар, қаду баст; сохти бадан.

**КОМПЛЕМЕ́НТ,** [< лот. complementum илова]. *хим*., *физиол*. Моддаи сафедагии таркиби зардоби хун.

**КОМПЛЕМЕНТАРӢ,** [< лот. complementum илова]. Иловагӣ.

**КОМПЛИМЕ́НТ,** [фр. compliment]. **1**. Сухани хубу гуворо дар васфи касе; мадҳ, таъриф. **2**. Таъзими артист баъди иҷрои суруд, рақс ва м. инҳо.

**КОМПЛО́Т,** [фр. complot]. *кӯҳна*. Суъқасд; забон як кардан.

**КОМПОЗИ́ТОР,** [< лот. compositor мусанниф]. Оҳангсоз; муаллифи асарҳои мусиқӣ.

**КОМПОЗИ́ТСИЯ (КОМПОЗИ́ЦИЯ),** [< лот. composito тасниф (таълиф) кардан]. **1**. *адш., санъ.* Сохт ва таносуби ҷузъҳои таркибии асари адабӣ, мусиқӣ, санъати

тасвирӣ ва ғ. **2**. Назарияи таълифи асарҳои мусиқӣ. **3**. Масолеҳе, ки дар натиҷаи бо якдигар омехта кардани ду ё чанд масолеҳи дигар ҳосил шудааст (мас., *бетон* ва шиша, металл ва *пластика* ва ғ.). **4**. *ҳуқ*. Дар Рими Қадим – ҷубронпулӣ, товонпулӣ; маблағе, ки ба ҷабрдида чун ҷуброни зарари ҷисмонӣ дода мешуд.

**КОМПОНЕ́НТ,** [лот. componens]. Ҷунъ, унсури таркибии ягон чиз. || Мқс. ингредиент.

**КОМПО́СТ,** [англ. compost < лот. compositus таркибӣ, мураккаб]. Нурии органикӣ – омехтаи пору бо *торф*, пахол, хок, шоху барги растаниҳо, орди *фосфорит* ва ғ.

**КОМПО́СТЕР,** [фр. composteur]. Асбоби амбӯрмонанд барои пахш кардани *пломба* ё сӯрох кардани чиптаи мусофирон, чекҳо ва ҳуҷҷатҳои диг. бо мақсади назорат.

**КОМПО́Т,** [фр. compote]. **1**. Нӯшокии ширине, ки бо роҳи дар об ҷӯшондани меваи хушк ё тар тайёр мекунанд. **2**. Консерваи мевагӣ.

**КОМПРАДО́Р,** [< исп. comprador харидор]. Дар мамлакатҳои мустамликавӣ ва мутеъ – савдогар ё соҳибкори маҳаллӣ, ки дар байни сармояи хориҷӣ ва бозори миллӣ миёнаравӣ мекунад.

**КОМПРАЧИКО́СҲО,** [< исп. comprachicos кӯдакҷаллобон]. *таър*. Дар Испания, Фаронса, Англия ва Олмони асрҳои 13 – 17 – шахсоне, ки кӯдаконро дуздида ё харида, онҳоро маъюб ва рӯяшонро баднамо карда, сипас чун ширинкор ва масхарабоз ба хонадони сарватмандон ё ба дастаҳои масхарабозони оворагард мефурӯхтанд.

**КОМПРЕ́СС,** [фр. compresse < лот. compressus фишурдашуда]. Тарбандӣ; кимода; рифода; ба узвҳои бадан гузоштани латтаи тар бо мақсади муолиҷа.

**КОМПРЕ́ССИЯ,** [< лот. compressio фишурдан]. Фишурдани газ (буғ, ҳаво) бо мақсади кам кардани ҳаҷм, баланд кардани фишор ва ҳарорат.

**КОМПРЕ́ССОР,** [< лот. compressio фишурдан]. Таҷҳизот барои то дараҷаи муайян фишурдани газ (буғ, ҳаво).

**КОМПРИМА́РИО,** [ит. comprimario]. Артисти опера, ки бахшҳои (*партияҳои*) дуюмдараҷаро иҷро мекунад.

**КОМПРОМИ́СС,** [лот. compromissum]. Созиш, гузашт, мусолаҳа; созише, ки дар асоси гузаштҳои тарафайн ба даст омадааст.

**КОМПЮ́ТЕР (КОМПЬЮ́ТЕР),** [англ. computer < лот. computare ҳисоб кардан]. Мошини электронии ҳисоб; таҷҳизоти электронии иборат аз *микросхемаҳо*, ки амалиёти пайдарпайи муайянро иҷро мекунад.

**КОМПЮ́ТЕР-АРТ (КОМПЬЮ́ТЕР-АРТ),** [< англ. computer компютер + art санъат]. Равияе дар санъати муосир, ки асарҳои он бо истифода аз технологияҳои компютерӣ офарида мешаванд.

**КОМСОМО́Л,** [рус. кӯтоҳшудаи Коммунистический союз молодёжи – Иттифоқи коммунистии ҷавонон]. Номи ташкилоти оммавии ҷавонони шӯравӣ, инчунин узви ҳамин ташкилот. || Мқс. ВЛКСМ.

**КОМСО́РГ,** [рус. кӯтоҳшудаи комсомольский организатор]. Сарвари ташкилот, гурӯҳ ё дастаи комсомолҳо.

**КОМФО́РТ,** [англ. comfort]. Ҳаловат, осоиш, роҳат; маҷмуи шароити қулай ва бароҳати маишӣ.

**КОМЮ́НИТИ (КОМЬЮ́НИТИ)**, [англ. community]. Гурӯҳи одамоне, ки аз рӯи шавқу рағбат, мақсад, тасаввурот ва диг. хислатҳои умумиашон муттаҳид шудаанд, мас., гурӯҳи иштирокчиёни як *блог* ё *форумро* К. меноманд.

**КОНАБИО́Л,** [< лот. cannabis бангдона + bios ҳаёт]. *Алкалоиде*, ки дар бангдонаи ҳиндӣ вуҷуд дорад; ҷузъи асосии моводи мухаддир, ки аз ин растанӣ ҳосил карда мешавад.

**КОНВЕ́ЙЕР,** [англ. conveyer < to convey интиқол додан]. Тасмаи яклухти бефосила ҳаракаткунандаи резинӣ ё металлӣ, ки барои аз як ҷой ба ҷои дигар гузарондани бор, инчунин аз назди як коргар ба назди коргари дигар интиқол додани ашё, маснуот истифода мешавад. || Мқс. транспортёр, эскалатор.

**КОНВЕ́КСИЯ (КОНВЕ́КЦИЯ),** [< лот. convectio овардан, расондан]. Ҷойивазкунии қисмҳои микроскопии муҳит (газ, моеъ), ки боиси ҳаракати масса, гармӣ ва дигар бузургиҳои физикӣ мегардад; пайдошавии абрҳо дар атмосфера бо К. вобаста аст.

**КОНВЕ́КТОР,** [< *конвексия*]. *Бартареяи* гармӣ; ҷиҳози гармкунандаи системаи гармидиҳии марказӣ, ки ба он гармӣ бо усули *конвексия* фиристода мешавад.

**КОНВЕНСИОНАЛИ́ЗМ (КОНВЕНЦИОНАЛИ́ЗМ),** [< лот. conventionalis мувофиқи шартнома]. *фалс.* Таълимоти фалсафие, ки назарияҳои илмӣ ва мафҳумҳоро на инъикоси олами объективӣ, балки маҳсули муоҳидаи ихтиёрии байни олимон мешуморад; асосгузори К. олими фаронсавӣ А. Пуанкаре мебошад; унсурҳои К.-ро дар *неопозитивизм, оператсионизм* ва *прагматизм* дидан мумкин аст.

**КОНВЕ́НСИЯ (КОНВЕ́НЦИЯ),** [< лот. conventio шартнома, созишнома]. **1**. Созишнома ё шартномаи байналмилалӣ оид ба ягон масъалаи махсус. **2**. Шартномаи байни корхонаю ташкилотҳои гуногун барои танзими масъалаҳои хариду фурӯш, истеҳсоли молҳо ва ғ.

**КОНВЕ́НТ,** [< лот. conventus маҷлис]. **1**. Номи мақомоти қонунбароре, ки дар баъзе мамлакатҳо барои тартиб ё тағйир додани конститутсия даъват карда мешаванд. **2**. *таър*. К.-и миллӣ – дар замони Инқилоби кабири Фаронса (асри 18) – мақоми олии қонунгузор ва иҷроияи Ҷумҳурии Фаронса; аз с. 1792 то с. 1795 вуҷуд дошт.

**КОНВЕРГЕ́НСИЯ (КОНВЕРГЕ́НЦИЯ),** [< лот. convergere монанд шудан]. **1**. *биол.* Дар рафти таҳаввулот монанд шудани сохти организмҳое, ки бо якдигар хеш нестанд. **2**. *збш.* Ба якдигар монандшавӣ ё наздикшавии унсурҳои забон (мас., *фонемаҳо*) ва худи забонҳо. **3**. *анат.* Ба якдигар ҷафс шудани тирҳои босира ҳангоми дидани ашёи наздик.

**КОНВЕ́РСИЯ,** [< лот. conversio тағйир додан]. **1**. *мол.* Ба заёмҳои нави давлатӣ иваз кардани заёмҳои давлатии пештар баровардашуда бо мақсади дароз кардани муҳлати пардохт ва кам кардани фоизпулӣ. **2**. *збш.* Усули калимасозӣ бе истифода аз воситаҳои (*аффиксҳои*) калимасоз; дар ин маврид аз як ҳиссаи нутқ ба ҳиссаи дигари нутқ гузаштани калима бе тағйирёбии он сурат мегирад, мас,. «даромад» ҳам исм аст ва ҳам феъл. **3**. *физ.* Ба беруни атом хориҷ шудани яке аз электронҳо (одатан электрони ба *ядро* наздик). **4**. Аз истеҳсоли як маҳсулот ба истеҳсоли маҳсулоти дигар гузарондани корхонаи саноатӣ.

**КОНВЕ́РТ,** [< фр. convert пӯшида]. Лифофа; халтачаи чоркунҷаи коғазин, ки ба дарунаш мактуб, ҳуҷҷат, сурат ва ғ.-ро андохта мефиристанд.

**КОНВЕ́РТЕР,** [< лот. converto табдил медиҳам, тағйир медиҳам]. **1**. *инф.* Табдилдиҳанда; барномаи ёрирасони компютерӣ, ки барои кушодани ҳуҷҷати дар барномаи дигар сохташуда имкон медиҳад. **2**. *тех.* Агрегати металлургие, ки барои ҳосил намудани пӯлод аз чӯяни гудохта, инчунин барои коркарди *штейнҳои* мис, никел истифода мешавад.

**КОНВЕРТИРОНӢ,** [< лот. converto табдил медиҳам, тағйир медиҳам]. **1**. *мол.* Мубодилаи асъори як мамлакат бо асъори мамлакати дигар. **2**. *инф.* Ба андозаи (*формати*) дигар гузарондани файли компютерӣ, мас., чун ҳуҷҷати RTF (rich text format) ҳифз намудани ҳуҷҷати дар барномаи Word сохташуда. **3**. *тех.* Коркарди чӯян ё *штейн* дар *конвертер.*

**КОНВОИ́Р,** [< фр. convoyeur ҳамроҳикунанда, мушоияткунанда]. **1**. Посбон; шахси мусаллаҳе, ки ягон касро, мас., маҳбусро, бо мақсади муҳофизат ё пешгирии фирор ҳамроҳӣ (мушоият) мекунад. **2**. Киштӣ ё ҳавопаймои ҳарбӣ, ки киштии алоҳида ё корвони киштиҳоро мушоият менамояд.

**КОНВО́Й,** [ҳол. konvooi, фр. convoi < лот. conviare мушоият кардан]. **1**. Дастаи посбонони мусаллаҳ, ки ҳангоми аз як ҷой ба ҷои дигар бурдани асирон, маҳбусон ва ғ.-ҳо онҳоро мушоият мекунанд. **2**. Дастаи аскарон ё қисми ҳарбӣ, ки сардор ё шахси олимартабаро посбонӣ мекунад. **3**. Киштиҳо ё ҳавопаймоҳои ҳарбӣ, ки киштиҳои тиҷоратӣ ё нақлиётиро ҳамроҳӣ мекунанд.

**КОНВОЛЮ́Т,** [лот. convolutus]. Маҷмуае, ки аз асарҳои пештар дар шакли китоб ё дар маҷаллаҳо чопшуда тартиб дода шудааст.

**КОНВУ́ЛСИЯ (КОНВУ́ЛЬСИЯ),** [< лот. convellere ларзондан]. Ларзиши (ихтилоҷи) сахти бадан.

**КОНГЛОМЕРА́Т,** [< лот. conglomeratus ҷамъшуда, ғуншуда]. **1**. Бо якдигар пайваст намудани ашё ё қисмҳои гуногун. **2**. *геол*. Ҷинси кӯҳии таҳшинӣ, ки дар натиҷаи шах шуда мондани омехтаҳои регу шағал ва қайроқсангҳо ба вуҷуд омадааст. **3**. *иқт*. Иттиҳоди иқтисодие, ки бо роҳи муттаҳидшавии ширкатҳои бо якдигар алоқаманд ё сармоягузории муштараки онҳо ташкил шудааст.

**КОНГРЕГА́ТСИЯ (КОНГРЕГА́ЦИЯ),** [< лот. congregatio муттаҳидсозӣ]. **1**. Дар калисои католикӣ – ташкилоти динbackие, ки ба он *ордени* роҳибон роҳбарӣ мекунад. **2**. Иттиҳодияи дайрҳои католикӣ ё ҷамъиятҳои роҳибон, ки ба як оиннома (*устав*) итоат ва пайравӣ мекунанд. **3**. Маҷлиси академӣ – мақоми машваратӣ дар донишгоҳҳои Англия. **4**. Дар Ватикан – комиссияе, ки бо масъалаҳои таълимот ва расму оини динӣ, таъйин намудани *епископҳо* ва идора кардани калисоҳо машғул аст.

**КОНГРЕ́СС,** [< лот. congressus вохӯрӣ, маҷлис]. **1**. Анҷумани байналмилалӣ. **2**. Мақоми олии баъзе ташкилотҳои байналмилалӣ. **3**. Мақоми қонунбарор (*парламент*) дар ИМА, аксарияти давлатҳои Америкои Лотинӣ ва баъзе мамлакатҳои диг. **4**. Дар баъзе мамлакатҳо – номи ҳизби сиёсӣ, мас., К.-и миллии Ҳиндустон.

**КОНГРЕССМЕ́Н,** [англ. congressman]. Узви палатаи поёнии парламенти (*конгресси*) ИМА.

**КОНГРУЭНТӢ,** [< лот. conguentis ҳамандоза]. *геом*. Истилоҳи геометрияи элементарӣ, ки барои ифода кардани баробарии порча, кунҷ, секунҷа ва диг. фигураю ҷисмҳои геометрӣ истифода мешавад.

**КОНДЕНСА́Т,** [< лот. condensatum ғализ]. *хим., физ*. Моеъе, ки ҳангоми конденсатсияи газ (буғ) ҳосил мешавад (ниг. *конденсатсия*).

**КОНДЕНСА́ТОР,** [< лот. condensare ғализкунанда, ғафскунанда]. *физ., тех*. **1**. Олати иборат аз ду ё зиёда электроде, ки аз якдигар бо *диэлектрик* (коғаз, ҳаво ва ғ.) ҷудо карда шудаанд; барои ғун кардани зарядҳои электрӣ хизмат мекунад. || Мқс. аккумулятор. **2**. Олат барои хунук кардани буғ (газ) ва ба об табдил додани он.

**КОНДЕНСА́ТСИЯ (КОНДЕНСА́ЦИЯ),** [< лот. condensatio ғализ (ғафс) кардан]. **1**. Ба ҳолати моеъ ё сахт гузаштани газ ё буғ; дар атмосфера – ба ҳолати моеъ ё сахт гузаштани буғи ҳаво ва дар натиҷаи ин пайдо шудани борон, абр, туман ва ғ. **2**. Ба миқдори зиёд ғун шудани ягон чиз, мас., К.-и энергия.

**КОНДЕ́НСОР,** [< лот. condenso ғализ мекунам]. *физ*. *Линзаи* кӯтоҳфокус, ки дар асбобҳои оптикӣ, мас., дар заррабин (*микроскоп*) барои ғун кардани сели рӯшноӣ ва баробар равшан намудани майдони тасвир хизмат мекунад.

**КОНДИЛО́МА,** [< юн. kondyloma варам]. *тиб*. Варами озахмонанди пӯст ё луобпардаҳо; омоси некфарҷоме, ки бештар дар олоти таносул ва мақъад пайдо мешавад.

**КОНДИ́ТЕР,** [ол. Konditor]. Қаннод; шахсе, ки маснуоти қаннодӣ (*кондитерӣ*) тайёр мекунад ё мефурӯшад.

**КОНДИТЕРӢ,** [ол. konditern]. Қаннодӣ; м а с н у о т и  К. – маснуоти қаннодӣ; ширавор.

**КОНДИТСИОНЕ́Р (КОНДИЦИОНЕ́Р),** [англ. conditionerer]. Асбоб барои тоза, хунук, намнок (баъзан хушк ва гарм) кардани ҳавои дохили бино.

**КОНДИ́ТСИЯ (КОНДИ́ЦИЯ),** [лот. conditio]. **1**. Ба шартҳо ва сифату меъёри стандартӣ мувофиқ будани ин ё он маҳсулот, мол. **2**. Шартҳои шартнома. **3**. Ҷои кори муваққатии муаллими хонагӣ.

**КОНДО́М,** [англ.. condom – аз номи духтури англис Кондом (Condom)]. Ниг. *презерватив*.

**КОНДОМИНА́Т,** [< лот. con бо, якҷоя + dominatus ҳукмронӣ]. *ҳуқ*. Дар ҳуқуқи байналмилалӣ – дар як сарзамин якҷоя ҳукмронӣ кардани ду ё якчанд давлат, мас., аз с. 1899 то с. 1951 Судон К.-и Британияи Кабир ва Миср буд.

**КОНДОМИ́НИУМ,** [< лот. con бо, якҷоя + dominium мулк]. *ҳуқ*. **1**. Ниг. *кондоминат*. **2**. Якҷоя, дастҷамъона соҳибӣ кардани ягон моликият мас., хона, қитъаи замин ва м. инҳо.

**КО́НДОР[1],** [исп. condor]. *зоол.* Парандаи калони лошахӯр аз оилаи каргасҳои амрикоӣ, ки дар кӯҳҳои Амрикои Марказӣ ва Ҷанубӣ зиндагӣ мекунад; дарозиаш то 1 м.

**КО́НДОР[2],** [исп. condor]. Тангаи тилло ва нуқра, ки аз с. 1851 то с. 1933 дар Чили, Эквадор ва Колумбия дар муомилот буд.

**КОНДОТЙЕ́Р (КОНДОТЬЕ́Р),** [< ит. condottiere кироя]. **1**. *таър*. Сардори дастаҳои кироя дар Италияи асрҳои 14 – 15, ки дар хизмати баъзе ҳокимон ва папаҳои Рим буданд. **2**. *мач*. Шахсе, ки барои манфиати шахсиаш аз ягон кор рӯй намегардонад.

**КОНДУИ́Т,** [фр. conduite]. Дафтари аъмол; дар Россияи подшоҳӣ – дафтари махсус дар гимназияҳо, омӯзишгоҳҳои динӣ ва корпусҳои кадетӣ барои навиштани тарзи рафтору ахлоқи талабагон.

**КОНДУКА́ТОР,** [< рум. conducator]. Доҳӣ, пешво; куният сарвари коммунистон, диктатори Руминия Николае Чаушеску.

**КОНДУКТОМЕ́ТРИЯ,** [< лот. conductor ноқил + metreo чен мкунам]. *тех., хим.* Яке аз намудҳои таҳлили электрохимиявӣ, ки ба чен кардани қобилияти электргузаронии ин ё он маҳлул асос меёбад; К. бо роҳи тадриҷан илова намудани *реагент* ба маҳлули таҳқиқшаванда анҷом дода мешавад.

**КОНДУ́КТОР,** [< лот. conductor мушояаткунанда, роҳбалад]. **1**. Корманди нақлиёт, ки дар поезд ва нақлиёти шаҳрӣ ба тартибот ва тозагӣ назорат мекунад, ба

мусофирон хизмат мерасонад. **2**. *таър*. Дар артиш ва флоти рус то с. 1917 – рутбаи ҳарбӣ, ки ба мутахассисони техникӣ дода мешуд; дар қушунҳои пиёдагарди империяи Россия – хизматчии ҳарбие, ки корҳои нақшакашӣ ва рассомиро иҷро мекард. **3**. *тех*. Кураи металлӣ дар мошини *электростатӣ*, ки дар он зарядҳои электрӣ ғун мешаванд. **4**. *тех*. Қисми дастгоҳ барои ба самти муайян равон кардани асбоби буранда ё сӯрохкунанда, мас., парма. **5**. Дар корҳои кӯҳӣ – қатори якуми қубурҳое, ки ба чоҳ дароварда мешаванд. **6**. Техники хурди ҷангал.

**КОНИО́З,** [лот. coniosis]. *тиб*. Бемории шуш, ки дар натиҷаи нафас кашидан аз ҳавои чанголуд пайдо мешавад.

**КОНКИ́СТА, КОНКВИ́СТА,** [< исп. conquista истило кардан]. *таър*. Давраи Амрикои Марказӣ ва Амрикои Ҷанубиро истило намудани мутамликадорони Испания ва Португалия (асрҳои 15 – 16).

**КОНКИСТАДО́РҲО, КОНКВИСТАДО́РҲО,** [< исп. conquistador истилогар]. **1**. *таър*. Истилогарони испанӣ ва португалӣ, ки дар охири асри 15 ва асри 16 Амрикои Марказӣ ва Амрикои Ҷанубиро забт ва аҳолии маҳаллиро қир, ғорат ва мутеъ карда буданд. **2**. *маҷ*. Истилогарон, ғосибон, ғоратгарон.

**КОНКЛА́В,** [< лот. conclave хонаи дарбаста]. Шӯрои *кардиналҳо*, ки ҳар дафъа баъди вафоти папаи Рим барои интихоб кардани папаи нав ҷамъ мешаванд (аз с. 1274).

**КОНКОРДА́НС,** [< лот. concordare мувофиқат кардан]. Феҳристи алифбоии калимаю мафҳумҳои ин ё он матн бо шарҳи маънояшон. || Мқс. глоссарий.

**КОНКОРДА́Т,** [< лот. concordatum созиш]. *ҳуқ*. Шартномаи байни ҳукумати ин ё он давлат бо папаи Рим, ки муносибати он давлатро бо калисои католикӣ муайян мекунад.

**КОНКО́РС**, [англ. concourse]. Миёнсарой (*вестибюл*)-и асосии вокзал, истгоҳи *метро*.

**КОНКРЕМЕ́НТҲО,** [< лот. concrementum ғуншавӣ, ҷамъшавӣ]. *тиб*. Сангҳо ва дигар ҷисмҳои сахте, ки дар узвҳои ковок ва бофтаҳои одаму ҳайвон дар натиҷаи таҳшин шудани намакҳо ва вайрон шудани мубодилаи моддаҳо пайдо мешаванд.

**КОНКРЕ́ТСИЯ (КОНКРЕ́ЦИЯ),** [< лот. concretio ғафс шудан]. *маъд*. Минералҳои кулӯлашакле, ки дар ҷинсҳои кӯҳии таҳшинӣ дар натиҷаи ба якдигар часпида, ғун шудани моддаҳои пароканда пайдо мешаванд.

**КОНКУБИНА́Т,** [лот. concubinatus < con якҷоя + cubo хоб мекунам]. *ҳуқ., таър.* **1**. Дар Рими Қадим – бе никоҳ муддати дароз бо ҳам зистани марду зан, ки инро қонунгузории мамлакат иҷозат медод. **2**. *маҷ*. Заношӯии ғайриқонунӣ.

**КОНКУ́Р,** [< фр. concours мусобиқа]. *варз*. Яке аз намудҳои асосии мусобиқаи аспдавонӣ – ҷаҳида гузаштани асп аз 16 монеа дар масофаи муайян.

**КОНКУРЕ́НТ,** [< лот. concurriens мусобиқакунанда]. Рақиб; шахсе, ки дар ягон масъала бо шахси дигар рақобат мекунад.

**КОНКУРЕ́НСИЯ (КОНКУРЕ́НЦИЯ),** [< лот. concurrere мусобиқа кардан]. Рақобат; мубориза барои дар ягон соҳа соҳиби натиҷаҳои хуб шудан.

**КО́НКУРС,** [фр. concours мусобиқа < лот. concursus задухӯрд]. Озмун; мусобиқа дар ягон соҳа (асосан дар адабиёт, санъат, илм, варзиш) бо мақсади интихоб намудани каси сазовортарин, асари хубтарин; озмун барои гирифтани унвон, мукофот, дохилшавӣ ба мактаби олӣ ва ғ.

**КОННЕТА́БЛ (КОННЕТА́БЛЬ),** [фр. connetable]. *таър*. Дар Фаронсаи асри 12 – мушовири ҳарбии шоҳ; дар асрҳои 14 -17 – сарфармондеҳи қувваҳои мусаллаҳ.

**КОННОТА́ТСИЯ (КОННОТА́ЦИЯ),** [лот. connotatio]. *збш*. Маънои иловагии калима, ки бо маънои асосии он алоқаи мантиқию луғавӣ дорад.

**КОНСА́ЛТИНГ,** [англ. consulting]. Машварату маслиҳатҳои касбӣ дар масъалаҳои ҳуқуқ, тиҷорат, иқтисод, молия, соҳибкорӣ ва ғ.

**КОНСА́ЛТИНГӢ,** [англ. consulting]. Хизматҳои консалтингӣ – машварату маслиҳатҳои касбие, ки ширкатҳои махсус дар масъалаҳои ҳуқуқ, тиҷорат, иқтисод, молия, соҳибкорӣ ва ғ. медиҳанд.

**КОНСЕ́НСУС,** [лот. consensus]. Ризоят, созиши умумӣ дар ягон масъалаи баҳснок, ки бо роҳи гуфтушунид ва ба якдигар гузашт кардан ба даст меоянд.

**КОНСЕ́НСУС О́МНИУМ,** [лот. consensus omnium]. Созиши умум; ризояти ҳама.

**КОНСЕНТРА́Т (КОНЦЕНТРА́Т),** [< лот. concentratus]. **1**. Маҳсулоте, ки баъди тоза кардани маъдан ҳосил мешавад. **2**. Хӯроки нимтайёри хушконидашуда, ки барои дер нигоҳ доштан ва пухтан боб аст, мас., *роллтон*. **3**. Хӯроки серғизои чорво, ки аз кунҷола, сабӯс, ҷав ва ғ. тайёр карда мешавад.

**КОНСЕНТРА́ТОР (КОНЦЕНТРА́ТОР),** [< лот. concentratus]. *физ., тех*. Асбоб барои зиёд кардани қувва ва шиддатнокии овоз.

**КОНСЕНТРАТСИОНӢ (КОНЦЕНТРАЦИОНӢ),** [лот. concentratus]. Мансуб ба *консентратсия*; лагери К. (конслагер) – маҳбас барои нигоҳ доштан ва (ё) нест кардани душманони давлат, асирони ҳарбӣ, гурезагон, сокинони осоишта, намояндагони миллатҳои муайян; солҳои ҷанги дуюми ҷаҳон дар лагерҳои К.-и фашистӣ зиёда аз 12 млн одам нест карда шуд.

**КОНСЕНТРА́ТСИЯ (КОНЦЕНТРА́ЦИЯ),** [< лот. con якҷоя, бо + centrum марказ]. **1**. Тамаркуз; таҷаммуъ; дар як марказ ё дар як ҷо ҷамъ шудан (кардан), мас., К.-и қӯшунҳо, К.-и сармоя. || Мқс. аккумулятсия, конденсатсия. **2**. *хим*. Миқдори нисбии ин ё он модда дар омехтаи химиявӣ, маҳлул, хӯла. **3**. Усули тоза кардани минерал бо роҳи ҷудо карда гирифтани ҷузъҳои нисбатан арзишноки он. **4**. Дараҷаи ғализӣ, ғафсии ин ё он маҳлул.

**КОНСЕ́ПСИЯ (КОНЦЕ́ПЦИЯ),** [< лот. conceptio идрок]. **1**. Системаи ақидаҳо доир ба ягон масъала, ҳодиса; усули баррасӣ, тафаҳҳум ё тафаҳҳуси ин ё он ҳодиса, раванд. **2**. *адш.* Ғоя (фикр)-и асосии асари бадеӣ, илмӣ ва ғ.

**КОНСЕ́ПТ (КОНЦЕ́ПТ),** [лот. conceptus]. *фалс.* Мафҳум.

**КОНСЕПТУАЛИ́ЗМ (КОНЦЕПТУАЛИ́ЗМ),** [< лот. conceptus мафҳум]. *фалс.* Равияи фалсафаи схоластии асримиёнагӣ, ки мувофиқи он мафҳумҳои куллӣ мустақилона, ҷудо аз ашёи воҳид вуҷуд надоранд, аммо дар ақл чун шаклҳои махсуси маърифати олами воқеӣ мавҷуданд.

**КОНСЕ́РВ(А),** [фр. conserves < лот. conservo нигоҳ медорам]. Маҳсулоти хӯрокие, ки ба таври махсус пухта, ҷӯшонда ё намак карда, дар зарфҳои ҳавонодаро нигоҳ медоранд.

**КОНСЕРВА́НТҲО,** [лот. conservatio нигоҳдорӣ]. **1**. Моддаҳое, ки барои дурудароз нигоҳ доштани маҳсулоти хӯрокӣ ёрӣ мерасонанд, мас., намак, сирко, шакар, асал ва м. инҳо. **2**. *биол., хим.* Моддаҳои антисептикии тамйизкунанда, ки дар саноати хӯрокворӣ, тиб ва ғ. истифода мешаванд. **3**. Хӯроки серғизои чорво, мас., ҷав, нарма, кунҷора ва ғ.

**КОНСЕРВАТИВӢ,** [< лот. conservativus муҳофизӣ]. **1**. Кӯҳнапараст; кӯҳнапарастона; шахси К. – шахси кӯҳнапараст; шахсе, ки тарафдори бетағйир мондани ягон чиз, муқобили пешравию навовариҳост; ақидаи К. – ақидаи кӯҳнапарастона. **2**. *тиб.* Муоличаи К. – муоличa бе амалиёти ҷарроҳӣ. 3. Ҳизби К. – ҳизби сиёсӣ дар Британияи Кабир, ки с. 1867 дар заминаи ҳизби *тори* ташкил шудааст.

**КОНСЕРВАТИ́ЗМ,** [< лот. conservare муҳофизат кардан]. Кӯҳнапарастӣ; ақидаҳои кӯҳнапарастона (*консервативӣ*); дилбастагӣ ба чизҳои кӯҳнашуда, бадбинии навовариҳо дар ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ, адабиёт, санъат, илм ва ғ.

**КОНСЕВА́ТОР,** [лот. conservator]. **1**. Кӯҳнапараст; шахси дорои ақидаҳои *консервативӣ*. **2**. Узви ҳизби консервативии Британияи Кабир.

**КОНСЕРВАТО́РИЯ,** [ит. conservatorio]. Мактаби олии мусиқӣ.

**КОНСЕРВА́ТСИЯ (КОНСЕРВА́ЦИЯ),** [< лот. conservatio муҳофизат, нигоҳдорӣ]. **1.** Муҳофизат аз вайроншавӣ, мас., аз зангзанӣ, тавассути андешидани чораҳои махсуси техникӣ; К.-и чӯб – тар кардани чӯб ба маҳлули антисептикӣ ё ранг кардани он бо мақсади пешгирии пӯсиш. **2**. Муваққатан боздоштани кор, фаъолияти ягон чиз, мас., К.-и корхонаи саноатӣ, К.-и корҳои геологӣ, К.-и сохтмон.

**КОНСЕ́РН (КОНЦЕ́РН),** [англ. concern]. Яке аз шаклҳои асосии монополия; иттиҳоди корхонаҳои саноатӣ, молиявӣ ва тиҷоратӣ, ки расман мустақил бошанд ҳам, вале амалан ба ягон гурӯҳе, ки дар ин иттиҳод имтиёзу нуфузи калон дорад, мас., ба *магнатҳои* молиявӣ, тобеанд. || Мқс. корпоратсия, синдикат.

**КОНСЕ́РТ (КОНЦЕ́РТ),** [ит. concerto < лот. concerto мусобиқа мекунам]. **1**. Дар назди тамошобинон аз рӯи барномаи муайян иҷро кардани асарҳои мусиқӣ, вокалӣ, эстрадӣ, драмавӣ, хореографӣ ва ғ. **2**. Асари калони мусиқӣ барои як асбоб ё хор бо ҷӯршавии *оркестр*.

**КОНСЕРТИ́НО (КОНЦЕРТИ́НО)[1],** [ит. concertino]. Асбоби мусиқии баянмонанди шашпаҳлӯ, ки ба воситаи дам садо мебарорад. || Мқс. аккордеон, баян, гармон, гармоника.

**КОНСЕРТИ́НО (КОНЦЕРТИ́НО)[2],** [ит. concertino]. *мус*. **1**. Гурӯҳи асбобҳои мусиқии якканавоз дар *консерт* (одатан ду *скрипка* ва як *виолончел*). **2**. Асари мусиқие, ки ба *консерт* монанд буда, барои теъдоди камтари иҷрокунандагон таъйин шудааст.

**КОНСЕРТМЕ́ЙСТЕР (КОНЦЕРТМЕ́ЙСТЕР),** [ол. Konzertmeister]. **1**. Роҳбари гурӯҳи мусиқинавозон дар оркестр (ғижжакнавози якум, рубобнавози якум). **2**. Якканавози оркестри симфонӣ ё операвӣ (алтнавози якум дар гурӯҳи алтнавозон, виолончелнавози якум дар гурӯҳи виолончелнавозон). **3**. Пианинонавозе, ки ба сарояндагон сурудҳои операвиро ёд медиҳад ва дар консерт ба онҳо ҷӯр мешавад.

**КОНСЕССИОНЕ́Р (КОНЦЕССИОНЕ́Р),** [< *консессия*]. Шахс, ширкат ё корхонае, ки соҳиби *консессия* мебошад.

**КОНСЕССИЯ (КОНЦЕССИЯ),** [< лот. concessio ризо будан, гузашт кардан]. **1**. Шартномае, ки давлат бо соҳибкорон ё ширкатҳои хориҷӣ мебандад ва мувофиқи ин шартнома сарватҳои табиӣ, замин, корхонаҳо, бандарҳо ва ғ.-ҳоро барои истифодаи муваққатӣ ба онҳо медиҳад. **2**. Корхона ё ширкате, ки дар асоси чунин шартнома кор мекунад.

**КОНСИГНА́НТ,** [< *консигнатсия*]. *тиҷ*. Шахсе, ки молашро ба воситаи миёнарав (*комиссионер, консигнатор*) мефурӯшад.

**КОНСИГНА́ТОР,** [< *консигнатсия*]. *тиҷ*. *Комиссионер* – иҷрокунандаи *консигнатсия*.

**КОНСИГНА́ТСИЯ (КОНСИГНА́ЦИЯ),** [< лот. consignatio далели хаттӣ, ҳуҷҷат]. *тиҷ*. Шакли савдои комиссионӣ, ки соҳиби мол (*консигнант*) молро барои фурӯхтан ба *комиссионер* (*консигнатор*) медиҳад (аз анбори *комиссионер*).

**КОНСИ́ЛИУМ,** [< лот. consilium маҷлис, машварат]. Машварати духтурон барои ташхиси беморӣ ва роҳҳои муолиҷаи он.

**КОНСИСТЕ́НСИЯ (КОНСИСТЕ́НЦИЯ),** [< лот. consistere сахт, ғализ шудан]. Дараҷаи ғализии моеъҳои часпак ва нимсахт – *битум*, хамир ва маҳсулоти хамирмонанд, марҳамҳо, равғанҳои молиданӣ ва м. инҳо.

**КОНСИСТО́МЕТР,** [< *консистенсия* + …*метр*]. Асбоб барои чен кардани дараҷаи ғализии (*консистенсияи*) моеъҳои часпак ва нимсахт. || Мқс. вискозиметр.

**КОНСИСТО́РИЯ,** [< лот. consistorium ҷои маҷлис, маҷлисгоҳ]. **1**. Дар калисои православӣ – муассисаи назди *архиерей* барои идора кардани *епархия*. **2**. Дар калисои католикӣ – шӯрои кардиналҳо, ки ба он папа раисӣ мекунад. || Мкс. конклав.

**КОНСЙЕ́РЖ (КОНСЬЕ́РЖ),** [фр. concierge]. Дарбон.

**КОНСКРИ́ПСИЯ (КОНСКРИ́ПЦИЯ),** [< лот. conscriptio сабт]. Дар Фаронса ва баъзе мамлакатҳои Аврупо – усули ба аскарӣ гирифтан, ки мувофиқи он пул дода аз хизмат даст кашидан ё ба ҷои худ фиристодани шахси дигар иҷозат дода мешавад.

**КОНСО́Л (КОНСО́ЛЬ),** [фр. console]. Конструксияи бинокорие (болор, муаллақа ва ғ.), ки як тарафаш ба мағзи девор устувор карда шудааст, тарафи дигараш озод (муаллақ) буда, аз девор баромада меистад ва ягон чиз ба он такя мекунад; К.-ро одатан дар мавридҳое истифода мебаранд, ки сохтани сутун ё такягоҳи иловагӣ имконнопазир аст; яке аз намудҳои К. *кронштейн* мебошад.

**КОНСОЛИДА́ТСИЯ (КОНСОЛИДА́ЦИЯ),** [< лот. consolidatio мустаҳкамшавӣ]. **1**. Мустаҳкам (бақувват) кардан; устуворгардонӣ; муттаҳидшавии одамон, гурӯҳҳо, ташкилотҳо ба хотири тақвияти мубориза баҳри ба даст овардани мақсадҳои умумиашон, мас., К.-и қувваҳои демократӣ. **2**. *мол*. Ба заёмҳои дарозмуҳлат ё бемуҳлат табдил додани заёмҳои кӯтоҳмуҳлати давлатӣ.

**КОНСОМЕ́,** [фр. consome]. Оби шӯрбои (*булйони*) серравған, ки аз навъҳои беҳтарини гӯшт тайёр карда мешавад.

**КОНСОНА́НС,** [фр. consonanse]. *мус*. Ҳамсадоӣ; ҷӯрӣ; мувофиқат ва ҳамоҳангии якчанд овоз: баракси *диссонанс*.

**КОНСОНА́НТ,** [лот. consonans]. *збш*. Овози ҳамсадо.

**КОНСОНАНТИ́ЗМ,** [< лот. consonans овози ҳамсадо]. *збш*. Системаи *фонемаҳои* ҳамсадои ин ё он забон, ки якҷоя бо *вокализм* сохти фонетикии ҳамон забонро ташкил медиҳад.

**КОНСОНАНТӢ,** [< лот. consonans овози ҳамсадо]. *збш*. Хати К. – хати бесадонок; хате, ки танҳо бо фонемаҳои ҳамсадо ифода ёфта, садонокҳо хаёлан дар назар дошта мешаванд, мас. хати қадими яҳудӣ (*иврит*), хати арабӣ.

**КОНСО́РСИУМ (КОНСО́РЦИУМ),** [< лот. consortium шарикӣ, рафоқат]. **1**. Созишномаи муваққатӣ дар байни якчанд бонк ё ширкати саноатӣ барои якҷоя ҷойгир намудани заёмҳо ё иҷрои лоиҳаи ягонаи саноатии миқёсан калон. **2**. Иттиҳоди бонкҳо ё ширкатҳои саноатие, ки дар натиҷаи чунин созишнома ба вуҷуд омадааст.

**КОНСОРТИ́ЗМ,** [лот. consortismus]. *биол*. Ҳамзистии организмҳои гуногун.

**КОНСПЕ́КТ,** [< лот. conspectus шарҳ, хулоса]. Сабти мухтасари чизе, мас., лексия, маърӯза, матн ва ғ.

**КОНСПИРАТИВӢ,** [< *конпиратсия*]. Махфӣ, пинҳонӣ.

**КОНСПИРА́ТОР,** [< *конпиратсия*]. Пинҳонкор; шахсе, ки бо ягон фаъолияти махфӣ машғул аст.

**КОНСПИРА́ТСИЯ (КОНСПИРА́ЦИЯ),** [< лот. conspiratio забон як кардан, суъқасд]. **1**. Усулҳое, ки ташкилоти пинҳонкор барои махфӣ нигоҳ доштани фаъолияти ғайриқонунии худ, инчунин номи аъзои худ истифода мебарад. **2**. *маҷ*. Махфӣ нигоҳ доштани сир.

**КОНСТА́НТА,** [< лот. constans доимӣ]. *мат*. Бузургии собит (доимӣ).

**КОНСТАНТА́Н,** [< лот. constans доимӣ]. Хӯлаи мис бо 40% никел ва 1,5% марганетс; дорои муқовимати сахти қиёсии электрӣ мебошад; дар *реостатҳо*, асбобҳои ченкунанда ва гармкунанда истифода мебаранд.

**КОНСТАТА́ЦИЯ (КОНСТАТА́ТСИЯ),** [< лот. constat маълум]. Муқаррар намудани далели бешак; исботи мавҷудияти чизе.

**КОНСТЕ́БЛЬ (КОНСТЕ́БЛ),** [англ. constable]. **1**. *таър*. Дар Англия ва Шотландияи асрҳои миёна – унвони олии дарборӣ. || Мқс. коннетабл. **2**. Дар Англияи имрӯза – коменданти қалъа ё қаср. **3**. Рутбаи хурди полисӣ дар Англия ва ИМА.

**КОНСТИТУА́НТА,** [< фр. Assemblee constituante]. Дар Фаронса ва баъзе мамлакатҳои диг. – маҷлиси муассисон, ки бо мақсади таҳияи *конститутсия* даъват карда мешавад.

**КОНСТИТУ́ТСИЯ (КОНСТИТУ́ЦИЯ)[1],** [< лот. constitutio сохт]. Қонуни асосии давлат; сарқонун.

**КОНСТИТУ́ТСИЯ (КОНСТИТУ́ЦИЯ)[2],** [< лот. constitutio сохт]. Сохти организми одам ва ҳайвонот.

**КОНСТРИ́КТОР,** [< лот. constrictare фишурдан, танг кардан]. *анат*. Мушаки тангкунанда; мушаке, ки ягон сӯрохии табиӣ ё сунъии баданро фишурда танг мекунад. || Мқс. сфинктер.

**КОНСТРУКТИВИ́ЗМ,** [< *конструксия*]. **1**. Равияе дар санъати тасвирӣ, меъморӣ, дизайни асри 20, ки дар асоси *футуризм* ва *кубизм* ба вуҷуд омадааст; мақсадаш – истифодаи тамоми имкониятҳои пешрафти илмию техникӣ, сифатҳои эстетикии металлҳо, чӯб, шиша ва м. инҳо дар офаридани шаклҳои нави ашё. **2**. *адш*. Яке аз равияҳои шаклпарастонаи адабиёти аввали асри 20, ки асари адабиро ба шиору реклама монанд мекард.

**КОНСТРУКТИВӢ,** [< *конструксия*]. **1**. Мансуб ба *конструксия*. **2**. *маҷ*. Фоиданок, манфиатовар, самарабахш; созанда, ободкунанда; баръакси *деструктивӣ*.

**КОНСТРУ́КТОР,** [< *конструксия*]. **1**. Шахсе, ки бо тарроҳӣ ва сохтани ҳар хел мошину механизмҳо машғул аст. **2**. Як навъ бозӣ – қуттии пур аз қисмҳои алоҳидаи ашёи бозичагӣ (мас., чархбол, ҳавопаймо, автомобил, иморат ва ғ.), ки кӯдакону наврасон онҳоро васл карда, як чизи том месозанд.

**КОНСТРУ́КСИЯ (КОНСТРУ́КЦИЯ),** [< лот. constructio сохтан, офаридан]. **1**. Сохт, таркиб, тартиби ягон чиз, мас., иморат, мошин, дастгоҳ ва ғ. **2**. *збш*. Ҷумла ё иборае, ки бо калимаҳо мувофиқи қоидаҳои грамматикӣ сохта шудааст.

**КО́НСУЛ,** [лот. consul]. **1**. *таър*. Дар Рими Қадим, Фаронса, Италия – унвони мансабдорони олимартаба. **2**. Шахси мансабдоре, ки ба сифати намояндаи доимӣ дар шаҳр ё вилояти мамлакати хориҷӣ барои ҳимояи манфиатҳои ҳуқуқию иқтисодии мамлакати худ ё шаҳрвандони он таъйин шудааст.

**КОНСУЛТА́НТ (КОНСУЛЬТАНТ),** [лот. consultans]. Мушовир; маслиҳатдиҳанда.

**КОНСУЛТА́ТСИЯ (КОНСУЛЬТА́ЦИЯ),** [лот. consultatio]. **1**. Маслиҳат, машварати мутахассиси ягон соҳа. **2**. Машварати мутахассисон оид ба ягон масъала. **3**. Машваратгоҳ; муассисае, ки ба аҳолӣ оид ба ин ё он масъала маслиҳату машварат медиҳад, мас., К.-и ҳуқуқӣ, К.-и занон. **4**. Ёрии иловагии омӯзгор ба талабагон (донишҷӯён) барои хубтар фаҳмидани мавзуъ (одатан пеш аз имтиҳон).

**КОНСУМА́ТСИЯ (КОНСУМА́ЦИЯ),** [< фр. consumer вақт сарф кардан]. Ғаммозию суҳбати духтарони махсус кирошуда бо мизоҷони тарабхонаҳо, казиноҳо ва ғ. бо мақсади водор намудани онҳо ба сарфи бештари маблағ ва бо ин роҳ зиёд кардани даромади ин муассисаҳо.

**КОНТА́ГИЙ,** [< лот. contagium сироят]. *тиб*. Мабдаи сироят; барангезандаи бемориҳои сироятӣ.

**КОНТА́КТ,** [< лот. contactus ба якдигар расидан]. **1**. Робита, алоқа. **2**. Ба якдигар расидани ду ноқил, ки дар натиҷа ҷараёни электр метавонад аз як ноқил ба ноқили дигар гузарад.

**КОНТА́КТОР,** [< *контакт*]. Асбоби электромеханикӣ ё электромагнитӣ барои аз дур васл ё ҷудо кардани занҷири электрикӣ.

**КОНТАМИНА́ТСИЯ (КОНТАМИНА́ЦИЯ),** [< лот. contaminatio якҷоя кардан]. **1**. *адш*. Махлут кардани матнҳои ба таври гуногун таҳриршудаи як асар. **2**. *збш*. Пайдо шудани калима ё ибораи нав дар натиҷаи вайваст намудани қисмҳои ду калима ё ибора.

**КОНТЕ́ЙНЕР,** [англ. container]. **1**. Зарфи калони одатан қуттишакл барои кашондани бор ба воситаи автомобил, вагон, киштӣ, ҳавопаймо ва ғ.; К. ҳамлу нақл ва фуровардани борро осон намуда, онро аз вайроншавӣ нигоҳ медорад. **2**. Умуман ҳама гуна зарфи металлӣ, шишагӣ ё пластикие, ки чизҳои ба дарунаш андохташударо аз вайроншавӣ, порашавӣ ва ғ. муҳофизат мекунад.

**КОНТЕ́КСТ,** [< лот. contextus робитаи зич]. **1**. Қарина, матн. **2**. Дар контексти… – дар шароити…; бо назардошти…, дар заминаи…

**КОНТЕ́НТ,** [англ. content муҳтаво]. Муҳтаво, мундариҷаи китоб, мақола, *веб-сайт*, қурси (*диски*) компютер ва ғ.

**КОНТЕ́НТ-…**, [< англ. content муҳтаво]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки ба контент (ниг. *контент*) робита доштанро ифода мекунад, мас., контент-маркетинг, контент-портал, контент-провайдер.

**КОНТЕ́НТ-МЕ́НЕҶЕР (КОНТЕ́НТ-МЕ́НЕДЖЕР),** [< англ. content муҳтаво + manage идора кардан]. Муҳаррири сайт, ки барои пур кардани сайт бо иттилооти матнӣ, тасвирӣ, графикӣ ва диг. намудҳои иттилоот масъул аст.

**КОНТЕСТА́ТОРҲО,** [< лот. contestatio изҳорот, шиква]. Мунаққидони католик; рӯҳониёни католикие, ки роҳбарони кӯҳнапарасти калисоро доимо танқид мекунанд.

**КОНТИНГЕ́НТ,** [лот. contingens]. **1**. Гурӯҳи одамоне, ки аз ягон ҷиҳат бо якдигар умумияте доранд; ҳайати ягон ташкилот, муассиса, қисми ҳарбӣ ва ғ. **2**. *тиҷ*. Меъёри ниҳоии содирот, воридот ё *транзити* мол аз (ба) мамлакате. ‖ Мқс. квота, лимит.

**КОНТИНЕ́НТ,** [лот. continens]. Қитъа; ҳиссаи калони хушкӣ, ки бо баҳрҳо ё уқёнусҳо иҳота шудааст; дар давраи геологии ҳозира К.-ҳои (қитъаҳои) зерин мавҷуданд: Авросиё, Австралия, Амрикои Шимолӣ, Амрикои Ҷанубӣ, Антарктида, Африқо; *материк* низ гӯянд.

**КОНТИНЕНТАЛӢ,** [< *континент*]. Мансуб ба *континент*; материкӣ; иқлими К. – иқлими хушки зуд-зуд тағйирёбанда.

**КОНТИНУАЛӢ,** [лот. continuus]. Бефосила, бетанаффус, муттасил.

**КОНТИНУИТЕ́Т,** [лот. continuitas]. **1**. Бардавомии рушди қонунгузорӣ. **2**. Бе фосила, муттасил давом кардани иҷлосияҳои парламент.

**КОНТИ́НУУМ,** [< лот. continuum бефосила]. **1**. Бефосилагӣ, муттасилии раванду ҳодисаҳо. **2**. *мат*. Маҷмуи бефосилаи математикӣ, мас., маҷмуи ҳамаи нуқтаҳои порчаи хати рост, ки бо ҳамаи ададҳои ҳақиқӣ баробар (*эквивалент*) мебошад. **3**. *физ*. Муҳити яклухти моддӣ, ки хосиятҳои он дар фазо муттасил тағйир меёбанд.

**КО́НТО,** [ит. conto]. *мол*. Суратҳисоби бонкӣ.

**КОНТОКОРРЕ́НТ,** [ит. contocorrente < conto суратҳисоб + corrente ҷорӣ]. *мол*. Суратҳисоби ягона, ки дар он ҳамаи амалиёти бонк бо мизоҷ ба қайд гирифта мешавад.

**КОНТО́РА,** [ол. Kontor]. Идора; номи умумии шуъбаҳои маъмурию дафтардории корхонаю муассисаҳо, инчунин муассисаҳои мустақили хоҷагӣ, молиявӣ ва м. инҳо.

**КОНТР..., КОНТРА...,** [< лот. contra зид, муқобил, акс]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои зид, муқобил, баръакс, мухолиф, ҷавобӣ, мас., контрреволютсия (зидди инқилоб, аксулинқилоб), контратака (ҳуҷуми ҷавобӣ).

**КОНТРАБА́НДА,** [ит. contrabando < contra зид, муқобил + bando фармони ҳукумат]. **1**. Қочоқигӣ; ғайриқонунӣ, пинҳонӣ, бе додани боҷи гумрук аз сарҳади давлатӣ гузарондани мол, асъор, ашёи гаронбаҳо ва ғ. **2**. Моли қочоқ; моли бо ҳамин усул аз сарҳад гузарондашуда.

**КОНТРАБАНДИ́СТ,** [< *контрабанда*]. Қочоқчӣ; шахсе, ки бо *контрабанда* машғул аст.

**КОНТРАБА́С,** [ит. contrabasso]. Як навъ асбоби калони тору камончадори мусиқӣ, ки садои ғафс дорад.

**КОНТРАГА́ЛС,** [< *контра... + галс*]. Хати ҳаракати киштӣ, ки ба хати ҳаракати киштии рӯ ба рӯ шинокунанда муқобил аст.

**КОНТРАГЕ́НТ,** [лот. contrahens]. Ҳар кадоме аз тарафҳои шартнома нисбати якдигар.

**КОНТРАДИ́КСИЯ (КОНТРАДИ́КЦИЯ),** [< лот. contradictio]. Тазод, ихтилоф; фикр ё суханони ба якдигар мухолиф.

**КОНТР-АДМИРА́Л,** [< *контра... + адмирал*]. Рутбаи поёнтарини адмиралӣ дар флот; ба рутбаи генерал-майори қушунҳои хушкигард баробар меояд.

**КОНТРАЖУ́Р,** [< фр. a contre-jour]. Усули наворбардорӣ, ки ҳангоми он манбаи рӯшноӣ дар паси объекти ба навор гирифташаванда ҷойгир шудааст.

**КОНТРА́КСИЯ (КОНТРА́КЦИЯ),** [< лот. contractio фишурдашавӣ]. *геол.* Тазйиқи *тектонӣ* ва вайроншавии қишри замин дар натиҷаи кам шудани ҳаҷми массаҳои зерқишрӣ (бештар бо сабаби хунукшавии қабати болоии кураи замин).

**КОНТРА́КТ,** [лот. contractus]. Шартнома, аҳднома.

**КОНТРАКТА́НТ,** [< *контракт*]. Шахс ё ташкилоте, ки мувофиқи шартнома (*контракт*) уҳдадориҳои муайянро ба зимма мегирад.

**КОНТРАКТА́ТСИЯ (КОНТРАКТА́ЦИЯ),** [< *контракт*]. *тиҷ.* Бастани шартнома (*контракт*) одатан ҳангоми харидани маҳсулоти кишоварзӣ.

**КОНТРАКТУ́РА,** [< лот. contractura тарангшавӣ]. *тиб.* Маҳдудшавии ҳаракати буғум дар натиҷаи осеб дидани он, инчунин осеб дидани мушак, пӯст, асаб. || Мқс. артрит, артроз, подагра.

**КОНТРА́ЛТО (КОНТРА́ЛЬТО),** [ит. contralto]. *мус*. Овози ғафси занона ва сарояндае, ки чунин овоз дорад.

**КОНТРАМА́РКА,** [фр. contremarque]. Рухсатнома (*талон*)-е, ки барои бепул даромадан ба театр, сирк, кино ва ғ. ҳуқуқ медиҳад.

**КОНТРАПУ́НКТ,** [ол. Kontrapunkt]. *санъ*. **1**. Яке аз шаклҳои бисёровозӣ – мувофиқати ду ё якчанд оҳанги бо овозҳои гуногун иҷрошуда; *полифония* низ гӯянд. **2**. Фани илмию дарсие, ки чунин шакли бисёровозиро таҳқиқ менамояд.

**КОНТРАСЕ́ПСИЯ (КОНТРАЦЕ́ПЦИЯ),** [фр. contraceptio]. Пешгирии ҳомилашавӣ ба роҳи истифода бурдани васоити зиддиобистанӣ (*контрасептивҳо*).

**КОНТРАСЕПТИ́ВҲО (КОНТРАЦЕПТИ́ВҲО),** [< *контрасепсия*]. Маводу васоити зиддиобистанӣ; механикӣ (мас., рифола, сарпӯшаки гардани бачадон), химиявӣ (саққочаҳои маҳбалӣ, хамираи грамисидӣ) ва гормонӣ мешаванд.

**КОНТРАСИГНА́ТСИЯ (КОНТРАСИГНА́ЦИЯ),** [< *контра*... + лот. signare имзо кардан]. Ниг. *контрасигнатура*.

**КОНТРАСИГНАТУ́РА,** [< *контра*... + лот. signare имзо кардан]. Имзои вазир дар санад (фармон, амр)-и сардори давлат; маънои онро дорад, ки вазир бо санад шинос шудааст ва иҷрои онро пурра ба зиммаи худ мегирад.

**КОНТРА́СТ,** [фр. contraste]. Тазод; мухолифат, зиддият; фарқи куллии байни ду ё якчанд чиз.

**КОНТРАТА́КА,** [фр. contre-attaque]. Ҳуҷуми ҷавобӣ; ҳамла бар зидди ҳамла.

**КОНТРАТИ́П,** [< *контра*... + лот. type нақш]. Нусха аз *негативи* асл, ки дар киногирӣ барои истеҳсоли оммавии нусхаҳои филм истифода мешавад (асосан бо мақсади фарсуда нашудани нусхаи асл).

**КОНТРАФАГО́Т,** [фр. contrafagotto]. Яке аз намудҳои *фагот*; асбоби мусиқии нафасии чӯбин, ки ба ҳайати оркестри симфонӣ медарояд.

**КОНТРАФА́КСИЯ (КОНТРАФА́КЦИЯ),** [< *контра*... + facere иҷро кардан]. **1**. Қаллобии адабӣ; худсарона вайрон намудани ҳуқуқи муаллиф – аз нав чоп ва паҳн кардани асари шахси дигар. **2**. Аз тарафи як ширкат ғайриқонунӣ истифода бурдани нишонаҳои (тамғаҳои) моли ширкати дигар бо мақсади фирефтани харидорон.

**КОНТРБАЛА́НС,** [фр. contre-balancer]. Ҷадвале, ки дар асоси маълумоти муҳосибӣ бо мақсади тафтишу таҳлили тавозун (*баланс*) сохта шудааст.

**КОНТРЕ́ЙЛЕР,** [англ. contrailer]. *Контейнери* чархдор. || Мкс. трейлер.

**КОНТРИБУ́ТСИЯ (КОНТРИБУ́ЦИЯ),** [лот. contributio]. **1**. Дар вақти ҷанг – андозе, ки душман дар заминҳои ишғолкардааш аз аҳолӣ маҷбуран меситонад. **2**. Дар

давраи баъди ҷанг – товони ҷанг; маблағ ё моле, ки давлати ғолиб аз давлати мағлуб меситонад; ҳоло К. бо созишномаҳои байналмилалӣ манъ карда шудааст.

**КОНТРМИ́НА,** [< *контр…* + *мина*]. Минае, ки дар роҳравҳои зеризаминӣ барои тарконда безарар гардондани минаҳои хобондаи душман истифода мешавад.

**КОНТРОВЕ́РЗА,** [< *контр…* + *версия*]. Гуногунфикрӣ; мубоҳиса; масъалаи баҳсталаб; баҳси илмӣ.

**КОНТРОЛЁ́Р,** [фр. controleur]. Нозир; назораткунанда.

**КОНТРО́ЛЛЕР,** [англ. controller]. **1**. *Микросхема* дар *блоки* системавии компютер, ки якҷоя бо *драйвер* кори қурси (*диски*) сахтро таъмин менамояд. **2**. Асбоби электрикии пастшиддат барои танзими кори муҳаррикҳои электрикӣ; дар трамвайҳо, троллейбусҳо, электровозҳо ва м. инҳо истифода мешавад.

**КОНТРО́ЛЛИНГ,** [англ. controlling]. Назорати муназзам ва доимии идоравӣ барои тафтиши рафти иҷрои вазифаҳои гузошташуда ва ислоҳи камбудиҳои кор.

**КО́НТРРАЗВЕ́ДКА,** [< *контр…* + *разведка*]. Ташкилоти махсус барои мубориза ба муқобили *разведкаи* душман, ҷосусону тахрибгарон.

**КОНТРРЕВОЛЮТСИОНЕ́Р (КОНТРРЕВОЛЮЦИОНЕ́Р),** [< *контр…* + *револютсионер*]. Аксулинқилобчӣ; иштироккунанда ё пайрави *контрреволютсия.*

**КОНТРРЕВОЛЮ́ТСИЯ (КОНТРРЕВОЛЮ́ЦИЯ),** [< *контр…* + *револютсия*]. Аксулинқилоб; муборизаи зидди инқилоб (*револютсия*) барои барқарор кардан ё нигоҳ доштани сохти иҷтимоию давлатии азбайнрафта ё аз байн рафтаистода.

**КОНТРРЕ́ЛС (КОНТРРЕ́ЛЬС),** [< *контр…* + *релс*]. *Релси* иловагии дохили релси асосӣ барои дуруст равона кардани қираи чархҳо ва пешгирии аз релс баромадани *поезд*.

**КОНТРРЕФОРМА́ТСИЯ (КОНТРРЕФОРМА́ЦИЯ),** [< *контр…* + *Реформатсия*]. Ҳаракати иртиҷоии динию сиёсӣ дар Аврупои Ғарбӣ, ки бо сардории папа ба муқобили Реформатсия (Ислоҳот) дар охири асри 16 ташкил шуда буд; мақсадаш: мустаҳкам намудани пояҳои калисои католикӣ ва ҳокимияти папа.

**КОНТРТИ́ТУЛ,** [< *контр…* + *титул*]. Титули иловагӣ дар аввали китоб дар паҳлӯи титули асосӣ; одатан дар куллиётҳои серҷилда истифода мешавад. || Мқс. авантитул, форзатс.

**КОНТРФО́РС,** [фр. contrforce]. *меъм*. Тиргаки иморат; девори барҷастаи амудӣ барои нигоҳ доштани девори асосии берунӣ.

**КОНТРЭСКА́РП,** [фр. contreescarpe]. *ҳарб*. **1**. Қисми пеши хандақи истеҳкоми ҳарбӣ. **2**. Хандақи зиддитанкӣ.

**КОНТУ́ЗИЯ,** [лот. contusio]. *тиб*. Лат хӯрдани тамоми бадан ё як қисми он дар натиҷаи таркиш, зарбаи сахт ё бо таъсири зарбаи мавҷҳои ҳаво; аломатҳои К.: беҳушшавӣ, дарди сар, чарх задани сар, вайроншавии фаъолияти дил, узвҳои нафаскашӣ, сомеа ва нутқ; ҳангоми К. одатан сатҳи берунии бадан чандон осеб намебинад.

**КО́НТУР,** [лот. contour]. **1**. Тарҳ, суроб, ангора; тарҳи зоҳирии графикии ягон чиз. || Мқс. абрис, конфигуратсия. **2**. *физ*. Занҷири сарбастаи ноқилҳои электрикӣ.

**КОНУ́НГ,** [норв. konung]. Дар аввал – пешвои скандинавиҳои қадим (норманнҳо), баъдтар, пас аз таъсис ёфтани давлатҳои Шветсия, Норвегия, Дания – шоҳ.

**КОНУРБА́ТСИЯ (КОНУРБА́ЦИЯ),** [< лот. con якҷоя + urbs шаҳр]. Тӯдашаҳр; гурӯҳи шаҳру шаҳрчаҳои ба якдигар наздик воқеъшуда, ки ба туфайли равобиту умумияти иқтисодӣ ва фарҳангию иҷтимоияшон тӯдашаҳри бузург ва ягонаро ташкил медиҳанд; яке аз шаклҳои *агломератсия*.

**КО́НУС,** [лот. conus]. *геом*. Махрут; ҷисми геометрӣ, ки дар натиҷаи дар атрофи яке аз *катетҳояш* давр задани секунҷаи росткунҷа ҳосил мешавад.

**КОНФАБУЛЯ́ТСИЯ (КОНФАБУЛЯ́ЦИЯ),** [< лот. confabulatio суҳбат]. *тиб*. Яке аз шаклҳои *парамнезия*; гум шудани хотира, ки ҳангоми он ҷои холимондаи хотираро ҳар хел воқеаҳои хаёлӣ (фантастикӣ) пур мекунанд ва бемор ин воқеаҳоро чун ҳақиқат ба дигарон ҳикоя мекунад.

**КОНФЕДЕРА́ТСИЯ (КОНФЕДЕРА́ЦИЯ),** [< лот. confederatio иттифоқ, иттиҳод]. **1**. Иттиҳоди доимии давлатҳои мустақил; иттиҳоди давлатҳое, ки мустақилияти худро пурра нигоҳ доштаанд, вале бо мақсади ҳамоҳангсозии баъзе намудҳои фаъолияти худ, мас., дар соҳаҳои ҳарбӣ, сиёсати берунӣ ва ғ. муттаҳид шудаанд. **2**. Номи баъзе ташкилотҳои ҷамъиятӣ, мас., К.-и меҳнат дар Фаронса.

**КОНФЕКСИО́Н (КОНФЕКЦИО́Н),** [< лот. confectio тайёр кардан]. **1**. Либоси тайёр. **2**. Фурӯшгоҳ ё шуъбаи фурӯшгоҳ, ки чунин либос мефурӯшад.

**КОНФЕ́КСИЯ (КОНФЕ́КЦИЯ),** [< лот. confectio тайёр кардан]. Ниг. *конфексион*.

**КОНФЕРА́НС,** [фр. conference]. *санъ*. Жанри эстрада; ба саҳна баромада, бо ҳазлу шӯхӣ баромадҳои (*номераҳои*) навбатиро эълон намудан ва онҳоро андаке шарҳу тавзеҳ додани барандаи консерт.

**КОНФЕРАНСЙЕ́ (КОНФЕРАНСЬЕ́),** [фр. conferencier]. Барандаи консерт, ки баъзан худаш низ ҳунарнамоӣ мекунад (бештар бо монолог ё саҳначаҳои мазҳакавӣ).

**КОНФЕРЕ́НС-ЗАЛ (КОНФЕРЕ́НЦ-ЗАЛ),** [ол. Konferenzsaal]. Маҷлисгоҳ; толор барои конференсияҳо, маҷлисҳои калон, ҷамъомадҳои тантанавӣ.

**КОНФЕРЕ́НСИЯ (КОНФЕРЕ́НЦИЯ),** [лот. conferentia < conferre дар як ҷо ҷамъ шудан]. **1**. Дар Россияи тоинқилобӣ – шӯрои илмии назди академияи ҳарбӣ. **2**.

Маҷлиси намояндагони давлатҳо, ташкилотҳо, гурӯҳҳои ҷамъиятӣ, олимон ва ғ. барои муҳокима ва ҳал кардани масъалаҳои муайян. **3**. *варз*. Иттиҳоди дастаҳои (*командаҳои*) варзишӣ.

**КОНФЕ́ССИЯ,** [< лот. confessio эътироф кардан]. Дин, мазҳаб.

**КОНФЕ́ТА,** [< лот. confectus тайёркардашуда]. Маснуоти ширини қаннодӣ, ки аз шакар, хамираҳои мевагӣ, қаҳва ва ғ. тайёр карда мешавад.

**КОНФЕТТИ́,** [ит. confetti]. Пулакчаҳои гуногунранге, ки аз коғазпораҳо тайёр карда мешаванд; дар базму тӯйҳо ба якдигар мепошанд.

**КОНФИГУРА́ТСИЯ (КОНФИГУРА́ЦИЯ),** [< лот. configuratio шакл додан, ҷойгир кардан]. **1**. Тарҳ; намуди зоҳирӣ, суроб. **2**. *астр*. Вазъ (мақом)-и ҷирми осмонӣ, мас., сайёра дар осмон нисбати Офтоб. **3**. *инф*. Маҷмуи унсурҳо (*блокҳо*)-и мустақили компютер; *протсессор*, хотираи оперативӣ, қурси сахт (*винчестер*), *видеокорт, модем, монитор* ва ғ.

**КОНФИРМА́ТСИЯ (КОНФИРМА́ЦИЯ),** [< лот. confirmatio тасдиқ кардан]. **1**. *ҳуқ*. Ҳукми судро тасдиқ намудани ҳокимияти олӣ. **2**. Дар мазҳабҳои католикӣ ва протестантӣ – маросими ба калисо қабул кардани наврасоне, ки ба синни муайян расидаанд.

**КОНФИСКА́ТСИЯ (КОНФИСКА́ЦИЯ),** [< лот. confiscatio ба фоидаи хазина кашида гирифтани молу мулк]. **1**. Мусодира. **2**. Мансух кардан ва аз фурӯш гирифтани асарҳои чопӣ.

**КОНФИТЮ́Р,** [фр. confiture]. Як навъ мураббои мевагӣ.

**КОНФЛИ́КТ,** [< лот. conflictus задухӯрд]. **1**. Низоъ, мусодама, ҷанг, ҷанҷол, зиддият, мунокаша, мухолифат. **2**. *адш*. Низоъ; зиддияти байни *персонажҳои* асари адабӣ.

**КОНФЛИКТОЛО́ГИЯ,** [< *конфликт* + *…логия*]. Низоъшиносӣ; илме, ки қонуниятҳои пайдоиш, инкишоф ва роҳҳои ҳалли ҳама гуна низоъҳоро меомӯзад.

**КОНФОКАЛӢ́,** [< лот. con якҷоя + focus манбаъ]. Линзаҳои К. – *линзаҳои фокусашон* умумӣ (ҳамфокус).

**КОНФО́РКА,** [< ҳол. komfoor манқал]. **1**. Чойникмонаки самовор. **2**. Манқали *плитаи* газӣ.

**КОНФОРМА́ТСИЯ (КОНФОРМА́ЦИЯ),** [< лот. conformatio шакл, сохт, ҷойгиршавӣ]. Шаклҳои гуногуне, ки молекулаҳои пайвастҳои органикӣ ҳангоми дар гирди банди сода давр задани атомҳо ё гурӯҳи атомҳо ба худ мегиранд.

**КОНФОРМИ́ЗМ,** [< лот. conformis монанд]. Замонасозӣ; мутеона қабул кардани тартиботи ҷорибуда; ақидаю мавқеи шахсии худро надоштан.

**КОНФРОНТА́ТСИЯ (КОНФРОНТА́ЦИЯ),** [< лот. con якҷоя + frons ҷабҳа, пешона]. Тақобул; зиддият, бархӯрд, мухолифати ақидаҳо, мафиатҳо, ғояҳо ва ғ., мас., К.-и системаҳои сиёсӣ.

**КОНФӮЗ,** [лот. confusio]. Хиҷолат; вазъияти нобобу ногувор, баъзан хандаовар.

**КОН ФУО́КО,** [ит. con fuoco]. *мус.* Бо ҷӯшу хурӯш, бо шӯру шавқ навохтани оҳанг.

**КОНХИ́Т,** [< юн. konche гӯшмоҳӣ, садаф]. *маъд.* Минерал, яке аз намудҳои *арагонит*; ҷузъи таркибии марворид ва қабати садафии моллюскҳо ба шумор меравад.

**КОНХИОЛО́ГИЯ, КОНХИЛИОЛО́ГИЯ,** [< юн. konche гӯшмоҳӣ, садаф + *…логия*]. *зоол.* Фасли зоология, ки гӯшмоҳиҳоро меомӯзад.

**КОНЪЕКТУ́РА,** [лот. conjectura]. Тақрир; бо тахмину фаросат муқаррар кардани маънои матне, ки нобуд шудааст, инчунин барқарор намудани як қисми матни дар дастнавис (нусхаи асл) вуҷуднадошта.

**КОНЪЮНКТИ́В,** [лот. conjunctivus]. *збш.* Сиғаи шартии феъл.

**КОНЪЮНКТИ́ВА,** [лот. conjunctivus]. *физиол.* Мултаҳима; пардаи пайвасткунандаи чашм. || Мқс. ретина.

**КОНЪЮНКТИВИ́Т,** [лот. conjunctivus]. *тиб.* Газаки (илтиҳоби) мултаҳима.

**КОНЪЮНКТУ́РА,** [лот. conjungere пайваст кардан]. Вазъият; вазъ, ҳолат; К.-и иқтисод – вазъи иқтисод; ҷамъи аломатҳое, ки вазъи иқтисодро дар давраи муайян ифода мекунанд.

**КОНЪЮНКСИЯ (КОНЪЮНКЦИЯ ),** [< лот. conjunctio алоқа]. *фалс., мат.* Амали мантиқие, ки дар натиҷаи он аз ду ҷумлаи сода бо ёрии пайвандаки «ва» як ҷумлаи мураккаб ҳосил карда мешавад; эквиваленти мантиқии пайвандаки «ва».

**КОНЬКИ́ (КОНКИ́),** [< рус.]. **1**. Ҷиҳози металлӣ, ки ба таги пойафзол маҳкам намуда, бо он яхмолакбозӣ мекунанд. **2**. *варз.* Яхмолакбозӣ ё пойгаи рӯи ях бо ҳамин ҷиҳоз.

**КОНЬЯ́К (КОНЯ́К),** [< фр. Cognas – номи шаҳр дар Фаронса]. Нӯшокии зӯри спиртӣ (40 – 60°), ки аз спирти конякӣ (ангурӣ) тайёр мекунанд.

**КООПЕРАТИ́В,** [< лот. cooperatio ҳамкорӣ]. Итиҳодияи одамон барои якҷоя истеҳсол намудан ва фурӯхтани маҳсулот, сохтан ва истифода бурдани хонаҳои истиқоматӣ ва иҷрои корҳои диг. || Мқс. артел.

**КООПЕРАТИВӢ,** [< лот. cooperatio ҳамкорӣ]. **1**. Дастҷамъона; мансуб ба *кооператив*. **2**. Мансуб ба *кооператсия*; дар асоси кооператсия ташкилшуда, мас., корхонаи К., савдои К.

**КООПЕРА́ЦИЯ (КООПЕРА́ТСИЯ),** [< лот. ҳамкорӣ]. Ниг. *кооператив*.

**КООПТА́ЦИЯ (КООПТА́ТСИЯ),** [< лот. cooptatio интихоби иловагӣ]. Ба ҳайати ташкилоти интихобӣ дохил намудани аъзои нав бе гузарондани интихоботи иловагӣ.

**КООРДИНА́ТАҲО,** [< лот. co якҷоя + ordinates муайяншуда, мураттабшуда]. **1**. *мат*. Ададҳое, ки вазъияти нуқтаро дар хати рост, дар фазо, дар ҳамворӣ ва дар сатҳҳо муайян мекунанд. **2**. *геогр*. Яке аз бузургиҳое, ки вазъи объектро дар сатҳ ё фазо муайян мекунанд, мас. К.-и географӣ (арз ва тӯл). **3**. *мач*., *гуфт*. Маълумот дар бораи ҷойи воқеъшавӣ; суроға.

**КООРДИНАТО́ГРАФ,** [< *координатаҳо* + *…граф*]. *геод*. Асбоб барои гузоштани нуқтаҳо дар харита ё нақша аз рӯи *координатаҳо*.

**КООРДИНАТОМЕ́Р,** [< *координатаҳо* + *…метр*]. *геод*. Асбоб барои чен кардани координатаи нуқтаҳо дар харитаҳои топографӣ.

**КООРДИНА́ТОР,** [< лот. co якҷоя + ordinates майяншуда, мураттабшуда]. **1**. *тех*. Координатанамо; асбобе, ки ба *лётчик* координатаҳои ҳавопайморо нишон медиҳад. **2**. *тех*. Ҷиҳози *снаряди* идорашаванда (бомба, *ракета, торпеда*), ки ҳадафро пайдо намуда, снарядро ба сӯи он равон мекунад. **3**. Ҳамоҳангсоз; шахсе, ки ягон кор, фаъолиятро *координатсия* (ҳамоҳанг) мекунад.

**КООРДИНА́ТСИЯ (КООРДИНА́ЦИЯ),** [< лот. co якҷоя + ordinatio ба тартиб даровардан, мураттаб кардан]. **1**. Ҳамоҳанг кардан; мувофиқ (мутаносиб, мутобиқ) кунондан. **2**. Мутобиқат; ҳамоҳангӣ.

**КОП,** [англ. cop]. *гуфт*. Лақаби корманди полис дар ИМА. || Мқс. мент, фараон.

**КОПА́Л,** [исп. copal]. Муме, ки аз дарахтони тропикӣ ҳосил мекунанд; барои тайёр кардани локу ранг истифода мешавад.

**КОПЕ́ЙКА,** [< рус.]. Тин; воҳиди пули СССР, ки ба 0,01 рубл баробар буд.

**КОПЕПО́ДА,** [лот. copepoda]. *зоол*. Як навъ харчанги белпой.

**КОПЁ́Р,** [ол. Kapfer]. Мошини сутункӯб.

**КО́ПИНГ**, [англ. coping < cope in(with) бартараф кардан (монеа ё душвориеро)]. Дар сотсиология ва психология – стратегияҳои маърифатӣ, ҳиссӣ ва рафторие, ки шахс барои бартараф намудани тарсу ваҳм ва изтироби худ истифода мебарад.

**КОПИПА́СТ,** [англ. copy paste]. *инф*. Дар технологияи компютерӣ – нусхабардорӣ намуда, дар ҷои дигар ниҳодани иттилоот (*файл*, матн, сурат ва ғ.).

**КОПИПА́СТИНГ**, [англ. copy pasting]. *инф*. Ниг. *копипаст*.

**КОПИ́Р,** [ол. Kopierschablone]. *тех*. Қолаби нусхагирӣ; қисми дастгоҳ, ки асбоби нусхасозиро ба ҳаракат медарорад.

**КОПИРА́ЙТ,** [англ. copyright]. Ҳуқуқи муаллиф; аломати ҳифзи ҳуқуқи муаллиф – ©.

**КОПИРА́ЙТЕР,** [англ. copywriter]. Шахсе, ки бо *копирайтинг* машғул аст; мутахассиси *копирайтинг.*

**КОПИРА́ЙТИНГ,** [англ. copywriting < copy дастнавис, матн + write навиштан]. Навиштани матни рекламаҳо, инчунин матни суханрониҳо ҳангоми муаррифии мол, ширкат, хизмат, шахс.

**КОПИРЭФФЕ́КТ,** [< *копия* + *эффект*]. Таҳрифи сигнали овозӣ, ки бо сабаби наздик ҷойгир шудани роҳчаҳои сабт дар магнитофон рӯй медиҳад.

**КОПИ́РКА,** [< рус. ихтисоршудаи копировальная бумага]. Коғази нусхабардорӣ, ки дар як тарафаш ранг (бештар сиёҳ ва бунафш) молида шудааст.

**КО́ПИЯ,** [< лот. copia бисёр]. **1**. Нусха. **2**. Монанд, шабеҳ.

**КОПРОКРА́ЗИЯ,** [юн. koprocrasia]. *тиб.* Дошта натавонистани наҷосат; беихтиёр берун омадани наҷосат.

**КОПРОЛА́ЛИЯ,** [юн. koprolalia]. *тиб.* Қабеҳсуханӣ; бемаврид суханҳои қабеҳу беадабона гуфтани одамони гирифтори *шизофрения.*

**КОПРОЛИ́Т,** [< юн. kopros наҷосат + lithos санг]. *пал.* Наҷосати ба санг табдилёфтаи ҳайвоноти муҳрадори қадим.

**КОПРОФА́ГҲО,** [< юн. kopros наҷосат + …*фаг*]. *зоол.* Наҷосатхӯрҳо; ҷонвароне, ки ғизояшон наҷосати ҳайвоноти ширхӯр аст, аз қабили баъзе гамбускҳо, ҳашаротҳо, кирмҳо.

**КО́ПТҲО,** [юн.]. *таър.* Қабилаҳои насронимазҳаб, ки пеш аз арабҳо дар Мисри қадим зиндагӣ мекарданд.

**КОПУЛИРО́ВКА,** [< лот. copula пайванд кардан]. *бот.* Найчапайванд; яке аз усулҳои пайвандкунии дарахтон (бештар себ ва нок).

**КОПУЛЯ́ТСИЯ (КОПУЛЯ́ЦИЯ),** [< лот. copulatio васл]. *биол.* **1**. Ба ҳам вайвастани ду фард ҳангоми алоқаи ҷинсӣ. **2**. Омезиши ду ҳуҷайраи ҷинсӣ (*гамета*).

**КОРВЕ́Т,** [ҳол. korvert]. *таър.* **1**. Киштии ҳарбии бодбондори сесутуна дар асрҳои 17 – 19. **2**. *таър.* Дар флоти баҳрии Англия ва Амрико (дар замони Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ) – навъи киштиҳое, ки барои посбонӣ, разведка ва мубориза бо завраққои зериобӣ истифода мешуданд.

**КОРВОЛА́НТ,** [< фр. corps корпус + volant парвозкунанда]. *таър.* Қӯшуни ҳарбие, ки аз қисмҳои савора, пиёда ва артиллерияи сабук иборат буда, барои ҳуҷум кардан ба ақибгоҳи душман истифода мешуд.

**КОРД,** [< фр. corde ресмон, таноб]. **1**. Ресмони дутобаи пахтагӣ ё синтетикӣ (аз нейлон, капрон ва ғ.), ки барои тайёр кардани рӯйкаши чархи мошин (покришка), рӯйкаши симҳои барқ, дӯхтани либосу пойафзол ва ғ. ба кор меравад. **2**. Як навъ матои пашмии рах-рах.

**КО́РДА,** [< фр. corde ресмон, таноб]. **1**. Тор. **2**. Ресмони дарозе, ки ба нӯхтаи асп баста, аспро барои машқ дар майдон давр мезанонанд. **3**. Ҳамин гуна ресмон барои дошта идора кардани авто- ва авиамоделҳо.

**КОРДЕБАЛЕ́Т,** [фр. corps de ballet]. Артистони опера, оперетта, балет, ки рақсҳои оммавиро иҷро мекунанд.

**КОРДЕГА́РДИА,** [фр. corps de garde]. *кӯҳна*. Ниг. *гауптвахта*.

**КОРДИЕРИ́Т,** [аз номи геологи фаронсавӣ П. Кордйе (1777 – 1861)]. *маъд. Иолит*; минерал, силикати мураккаби алюминий, магний ва оҳан; бештар дар шакли массаҳои яклухт ва дона-дона вомехӯрад; навъҳои шаффофи К.-ро чун санги қиматбаҳо дар заргарӣ истифода мебаранд.

**КОРДИ́Т,** [фр. cordite]. Як навъ борути бедуди нитроглитсеринӣ-пироксилинӣ.

**КОРДО́БА,** [исп. cordoba]. Воҳиди пули Никарагуа, ки ба 100 сентаво баробар аст.

**КОРДО́Н,** [фр. cordon]. **1**. Ҳад; сарҳад. **2**. Дастаи сарҳадбонон. **3**. Дастаҳои на чандон калони қӯшунҳои сарҳадӣ, ки қад-қади роҳи муайян ё сарҳади давлатӣ ҷойгир шудаанд. **4**. Посбонгоҳи ҷангал ё мамнуъгоҳ.

**КО́РЖИК,** [< рус.]. Як навъ кулчаи ширин.

**КОРИА́НДР,** [лот. Coriandrum]. Кашниҷ.

**КОРИДО́Р,** [фр. corridor]. **1**. Долон; роҳрави даруни бино, квартира. **2**. *маҷ*. К.-ҳои ҳокимият – доираҳои ба ҳукумат наздик.

**КОРИНЕБАКТЕ́РИЯҲО,** [< юн. қад. korinum гурз + …*бактерияҳо*]. Гурӯҳи бактерияҳои чӯбчашакли беҳаракат, ки ба гурз монанданд (номашон аз ҳамин ҷост); баъзе намудҳояшон бемориоваранд.

**КО́РИУМ,** [< лот. corium пӯст]. Ниг. *дерма*.

**КОРИФЕ́Й,** [< юн. koryphaios доҳӣ, пешво]. **1**. Аллома; арбоби маъруфи ягон соҳа, мас., илм, адабиёт. **2**. Дар театр – артисти *кордебалет*, ки дар қисми пеши саҳна мерақсад. **3**. Дар Юнони Қадим – роҳбари дастаи сарояндагон дар асарҳои фоҷиавӣ.

**КОРН,** [< ол. Korn дон, ғалладона]. Массаи металли асил дар танга.

**КО́РНЕР,** [< англ. to corner ба кунҷ сур карда бурдан]. **1**. *тиҷ*. Муваққатан муттаҳид шудани соҳибкорон барои харидани ин ё он мол ё саҳмия бо мақсади ҳаннотӣ ё

харидани бастаи (*пакети*) назоратии саҳмияҳои ин ё он ширкат. **2**. *варз*. Дар футбол – зарбаи кунҷӣ.

**КОРНЕ́Т¹,** [фр. cornette]. Рутбаи хурди афсарӣ дар қӯшунҳои савораи баъзе мамлакатҳо.

**КОРНЕ́Т²,** [фр. cornet сурнай]. **1**. Як навъ асбоби мусиқии нафасии мисин, ки ба шайпур монанд аст. **2**. Ҳуҷҷате, ки ба ронанда ҳангоми боркашонии байналхалқӣ барои бетафтиш гузаштан аз гумрукхонаҳои мобайнӣ (ғайриасосӣ, сарироҳӣ) дода мешавад.

**КОРНЕ́Т-А-ПИСТО́Н,** [фр. cornet a pistons]. Асбоби мусиқии нафасии ҳалқашакли лабгирдор (мундштукдор).

**КОРНИШО́Н,** [фр. cornichon]. Бодирингчаҳои ҷавоне, ки дарҳол баъди афтидани гул аз бутта канда мегиранд; дарозиашон аз 5 то 9 см; барои очор (хобондан дар сирко ё намак) истифода мебаранд.

**КОРНПАПИ́Р,** [ол. Kornpapier]. Як навъ коғази сатҳаш дурушти дона-дона, ки дар чопи сангӣ (*литография*) истифода мебаранд.

**КОРО́НА,** [лот. corona]. **1**. Тоҷ, афсар, иклил. **2**. Тоҷи офтоб; қисми берунии атмосфераи офтоб, ки онро дар вақти кусуф бо чашм дидан мумкин аст.

**КОРОНАРИ́Т,** [лот. coronarius]. *тиб*. Газаки девори рагҳои дил.

**КОРОНАРӢ,** [< лот. corona]. *анат*. Мансуб ба рагҳое, ки мушаки дилро бо хун таъмин мекунанд.

**КОРОНОСПА́ЗМ,** [< *коронарӣ* + *спазм*]. *тиб*. Ихтилоҷи артерияҳои дил, ки бештар бо хуруҷи *стенокардия* зоҳир мегардад.

**КОРОНА́ТСИЯ (КОРОНА́ЦИЯ),** [< *корона*]. Расми тоҷгузорӣ ба сари подшоҳ. || Мқс. инаугуратсия.

**КО́РОНЕР,** [англ. coroner]. Дар Британияи Кабир, ИМА ва баъзе мамлакатҳои диг. – муфаттиши махсуси суд, ки сабабҳои марги шубҳаангезро муқаррар мекунад.

**КОРОНО́ГРАФ,** [< *корона* + *…граф*]. *астр*. Асбоб (*телескоп*) барои муоина ё аксбардории тоҷи офтоб ва *хромосфера*.

**КОРПОРАТИВӢ,** [< *корпоратсия*]. Мансуб ба *корпоратсия*; иттиҳодиявӣ; зич муттаҳидшуда.

**КОРПОРА́ТСИЯ (КОРПОРА́ЦИЯ),** [< лот. corporatio иттиҳодия]. **1**. Иттиҳод, иттиҳодия, иттифоқ, ҷамъият; гурӯҳи одамоне, ки манфиатҳои умумии касбӣ, корӣ ё табақавӣ доранд. **2**. Яке аз шаклҳои *монополия*; гурӯҳи ширкатҳо ё ҷамъиятҳои саҳҳомӣ, ки барои ба даст овардани ин ё он мақсад муттаҳид шудаанд.

**КОРПУЛЕ́НТСИЯ (КОРПУЛЕ́НЦИЯ),** [лот. corpulentia]. Калонҷуссагӣ, танумандӣ, чорпаҳлӯӣ. || Мқс. комплексия.

**КО́РПУС,** [лот. corpus]. **1**. *анат*. Бадани одам ё ҳайвон. **2**. Танаи ягон чиз, мас., киштӣ, ҳавопаймо. **3**. Қисми асосии мошин, механизм, асбоб, дастгоҳ, блоки системавии компютер, ки қисмҳои дигар ба он пайваст карда мешаванд. **4**. Навъи ҳуруфоти матбаа, ки андозааш 10 *пункт* (3,76 мм) аст. **5**. Бинои алоҳида, ки қисми таркибии комплекс ё ансамбли меъморӣ ба ҳисоб меравад. **6**. Корпуси дипломатӣ – тамоми ҳайати намояндагони давлатҳои хориҷӣ дар ягон мамлакат. **7**. *таър*. Корпуси кадетӣ – мактаби миёнаи ҳарбӣ дар Русияи подшоҳӣ. **8**. *ҳарб*. Қисми ҳарбӣ, ки аз якчанд дивизия ё бригада иборат аст. **9**. Ҷамъи одамоне, ки мақоми умумии расмӣ ё хидматӣ доранд, мас., К.-и афсарон, К.-и депутатҳо.

**КО́РПУС ДЭЛИ́КТИ,** [лот. corpus delicti]. Маҷмуи далелҳои шайъӣ.

**КОРПУ́СКУЛА,** [лот. corpusculum]. *физ*. Хурдтарин зарраи модда. || Мқс. атом.

**КОРПУСКУЛЯРӢ, КОРПУСКУЛӢ,** [< *корпускула*]. *физ*. Мансуб ба *корпускула*; назарияи корпускулярии рӯшноӣ – назарияе, ки мувофиқи он рӯшноӣ чун селаи зарраҳои ниҳоят хурд (*корпускулаҳо*) тасаввур карда мешавад.

**КОРРА́ЗИЯ,** [< лот. corrado тарошидан, харошидан]. *геол*. Ҷинсҳои кӯҳиро харошидан (тарошидан)-и маводи бодовард ё обовард.

**КОРРЕКТИ́В,** [< лот. correctus ислоҳшуда]. Ислоҳ кардан, ислоҳ даровардан; тасҳеҳ; қисман тағйир додан.

**КОРРЕ́КТОР,** [лот. corrector]. Мусаҳҳеҳ; ғалатгир; ислоҳкунанда, тағйирдиҳанда.

**КОРРЕКТУ́РА,** [< лот. correctio ислоҳ кардан]. Тасҳеҳ; ислоҳ кардани хатоҳои матн пеш аз чопи он.

**КОРРЕ́КСИЯ (КОРРЕ́КЦИЯ),** [< лот. correctio ислоҳ кардан]. Тасҳеҳи ягон чиз; К.-и босира – тасҳеҳи нуқсони босира бо ёрии айнак, линзаҳои часпанда, микроҷарроҳӣ ва ғ.

**КОРРЕЛО́МЕТР,** [< *корреляtсия* + *…метр*]. *физ*. Корреляtсиясанҷ; асбоб барои чен кардани дараҷаи *корреляtсия*.

**КОРРЕЛЯ́ТҲО,** [лот. correlativus]. **1**. *збш*. Унсурҳои мутаносиби забон, ки аз рӯи яке аз аломатҳояшон аз якдигар фарқ мекунанд, мас., фонемаҳо аз рӯи ҷарангнокӣ ва беҷарангиашон («б» - «п»). **2**. Мафҳумҳои мутаносиб.

**КОРРЕЛЯ́ТСИЯ (КОРРЕЛЯ́ЦИЯ),** [< лот. correlatio таносуб]. **1**. Таносуб, мувофиқат, вобастагии байниҳамдигарии мафҳумҳо, ашё, амалҳо ва ғ., мас., К.-и байни намнокии ҳаво ва фишори атмосферӣ. **2**. *биол*. Вобастагии байниҳамдигарии сохт ва фаъолияти қисмҳои гуногуни организм (ҳуҷайра, бофта, узвҳо ва системаҳо), ки дар ҷараёни инкишоф ва фаъолияти ҳаётии онҳо зоҳир мегардад. **3**. *мат*. Вобастагии оморӣ ё эҳтимолии ҳодисаю воқеаҳое, ки хусусияти қатъии

функсионалӣ надоранд; К. иртиботи бузургиҳои тағйирёбандаҳоеро ифода мекунад, ки ба ҳар як қимати тағйирёбандаи *x* қимати муайяни тағйирёбандаи *y* мувофиқат намекунад.

**КОРРЕПИТИ́ТОР,** [< лот. cor якҷоя + *репетитор*]. Дар опера ва балет – пианинонавоз, ёвари дирижёр, ки ба сарояндагон машқ медиҳад.

**КОРРЕСПОНДЕ́НТ,** [< лот. correspondere ҷавоб додан, воқиф гардондан]. **1**. Мухбир; хабарнигори ВАО. **2**. Шахсе, ки бо шахси дигар мукотаба мекунад. **3**. *мол*., *тиҷ*. Шахс ё муассисае, ки супориши молиявӣ ё тиҷоратии шахс ё муассисаи дигарро иҷро мекунад.

**КОРРЕСПОНДЕНТӢ,** [< *корреспондент* (маънои 3)]. *мол*., *тиҷ*. Суратҳисоби К. – суратҳисоби муросилӣ; дар суратҳисоби К. ҳисоббаробаркуниҳое, ки як муассисаи қарзӣ (кредитӣ) бо супориш ва аз ҳисоби муассисаи дигар анҷом додааст, инъикос мегардад.

**КОРРЕХИДО́Р,** [исп. corregidor]. *таър*. Дар Испанияи феодалӣ – ҳокими шаҳр, ки ҳамзамон вазифаҳои маъмурӣ ва судиро иҷро мекард.

**КОРРИ́ДА,** [исп. corrida]. Дар Испания, Португалия, Фаронсаи Ҷанубӣ ва баъзе мамлакатҳои Амрикои Лотинӣ – буққаҷанг; ҷанг бо буққа.

**КОРРО́ЗИЯ,** [< лот. corrosio хӯрда шудан]. **1**. Вайроншавии ҷисмҳои сахт (металл, чӯб, бетон, масолеҳи сохтмон ва ғ.) бо таъсири химиявӣ ё электрохимиявии муҳит. **2**. Ҳал ва нест шудани ҷинсҳои кӯҳии сатҳи Замин бо таъсири химиявии об. || Мқс. эрозия.

**КОРРУ́ПСИЯ (КОРРУ́ПЦИЯ),** [лот. corruptio]. Фасод; ришвахӯрӣ ва ришвадиҳӣ; суъистифода аз мансаб бо мақсади ҷамъ кардани сарват.

**КОРСА́Ж,** [фр. corsage]. **1**. Қисми либоси занона, ки баданро аз гардан то миён мепӯшонад. **2**. Банди юбка; юбкабанд.

**КОРСА́Р,** [ит. corsaro]. Роҳзани баҳрӣ; *пират* низ гӯянд.

**КОРСЕ́Т,** [фр. corser]. Камарбанди махсус, ки бо он қисми поёнии қафаси сина ва шикамро сахт мебананд (барои табобат, мас., ҳангоми осеб ёфтани сутунмуҳра, ё бо мақсади зебову хушнамо кардани қомат). || Мқс. бандаж.

**КОРТ[1],** [лот. cart]. Лавҳачаи пластикии чоркунҷаи дорои ҳомили магнитии иттилоот; барои ҳар гуна ҳисоббаробаркуниҳо истифода мешавад, мас., К.-и кредитӣ барои харидани мол имкон медиҳад.

**КОРТ[2],** [англ. court]. Майдони теннисбозӣ.

**КОРТ-БЛАНШ,** [фр. carte blanche бланки тоза]. **1**. Бланки тозае, ки шахс ба он имзо гузошта, ба шахси дигар ҳуқуқ медиҳад, ки онро бо матн пур кунад. **2**. *маҷ*. Ваколатҳои номаҳдуд; К.-Б. додан – ба касе озодии амал додан.

**КОРТЕ́Ж,** [фр. cortege]. Дастаи мушояат; бадрақа; мушояати ботантанаи ашхоси олимақом, арӯсу домод ва ғ. (одатан бо автомобилҳо, мототсиклҳо).

**КОРТИЗО́Л,** [< лот. cortex қишр]. *Гормони* одам ва ҳайвонот – маҳсули фаъолияти ғадудҳои болои гурда; мубодилаи ангиштоб, сафеда ва чарбуро танзим менамояд; чун доруи зиддиилтиҳобӣ ва зиддиаллергӣ истифода мешавад; *гидрокортизон* низ гӯянд.

**КОРТИЗО́Н,** [< лот. cortex қишр]. *Гормони* одам ва ҳайвонот – маҳсули фаъолияти ғадудҳои болои гурда; мубодилаи моддаҳоро танзим менамояд; аз ҷиҳати таъсири биологии худ ба *гидрокортизон* наздик аст; дар тиб истифода мешавад.

**КОРТИКАЛИЗА́ТСИЯ (КОРТИКАЛИЗА́ЦИЯ),** [< лот. cortex қишр]. *биол.* Дар рафти инкишофи таърихӣ зиёд гардидани нақши шуъбаҳои олии системаи марказии асаб (хусусан қишри мағзи сар) дар танзими функсияҳои организми ҳайвонот.

**КОРТИКАЛӢ,** [< лот. cortex қишр]. *анат.* Мансуб ба қишри мағзи сар.

**КОРТИКОСТЕРОИДҲО,** [< лот. cortex қишр + *стероидҳо*]. Гормонҳои (*стероидҳои*) одам ва ҳайвонот – маҳсули фаъолияти ғадудҳои болои гурда; мубодилаи моддаҳои органикӣ (*кортизол, кортизон*) ва минералиро танзим менамоянд; дар тиб ба сифати доруҳои зиддиилтиҳобӣ ва зиддиаллергӣ истифода мебаранд.

**КОРТИКОТРОПИ́Н,** [< лот. cortex қишр]. Гормони (*пептиди*) одам ва ҳайвон – маҳсули фаъолияти *гипофиз*; ба инкишофи ғадудҳои болои гурда ёрӣ мерасонад; дар тиб истифода мешавад.

**КОРУ́НД,** [ол.Korund]. *маъд.* Минерали бағоят сахт, ки аз оксиди алюминий ва омехтаҳои оҳан, титан, хром таркиб ёфтааст; намудҳои шаффофи он сангҳои қиматбаҳо ба шумор мераванд (лаъл, ёқут ва ғ.); дар саноати заргарӣ ва соатсозӣ, инчунин дар электроникаи квантӣ истифода мебаранд.

**КОСЕ́КАНС,** [лот. cosecans]. *мат.* Яке аз функсияҳои тригонометрӣ (cosec); дар секунҷаи росткунҷа – нисбати гипотенуза бар катети муқобили кунҷи тез хобида.

**КОСИНУС,** [лот. cosinus]. *мат.* Яке аз функсияҳои тригонометрӣ (cos); дар секунҷаи росткунҷа – нисбати *катети* ба кунҷи тез часпида бар *гипотенуза*.

**КОСИНУСО́ИДА,** [< *косинус*]. *мат.* Графики функсияи $y = \cos x$ дар системаи координатаҳои росткунҷаи декартӣ.

**КОСМЕ́ТИКА,** [< юн. kosmetike санъати ороиш]. **1**. Таълимот дар бораи усулу воситаҳои беҳтар намудани зоҳири одам; К.-и табобатӣ – чорабиниҳои гигиенӣ ва муоличавӣ барои пешгирӣ ва нест кардани нуқсонҳои мӯй, нохун, пӯст, абрӯ, мижгон, инчунин нигоҳубини дурусти онҳо. **2**. Маводу васоити нигоҳубини мӯй, нохун, пӯст, абрӯ, мижгон, лаб, дандон ва ғ. (упо, лок, ранг, лабсурхкунак, шампун, крем ва м. инҳо).

**КОСМЕТОЛО́ГИЯ,** [< *косметика* + *…логия*]. Илм дар бораи воситаю усулҳои беҳтар кардани намуди зоҳирии рӯй ва бадани инсон бо роҳи бартараф ё аз назар пинҳон намудани нуқсонҳои пӯст, бо роҳи ҷарроҳӣ беҳтар намудани шакли биниӣ, гӯш, сина, ҳамвор кардани ожангҳо ва ғ.

**КОСМО…,** [< юн. kosmos кайҳон]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки ба кайҳон, коинот робита доштани қисми дуюми калимаро ифода мекунад, мас., *космодром, комонавт*.

**КОСМОГО́НИЯ,** [< юн. kosmogonia пайдоиши олам]. Кайҳоншиносӣ; соҳаи астрономия, ки пайдоиш ва инкишофи ҷирмҳои осмонӣ ва, умуман, кайҳонро меомӯзад.

**КОСМОГРА́ФИЯ,** [< юн. kosmos кайҳон + *…графия*]. Тасвири коинот; маълумот дар бораи астрономия ва географияи табиӣ.

**КОСМОДРО́М,** [< юн. kosmos кайҳон + *…дром*]. Маҷмуи иншоот, таҷҳизоти техникӣ ва майдончаҳо барои ба парвоз тайёр кардан ва ба кайҳон сар додани киштиҳои кайҳонӣ ва радифҳои маснуи Замин. || Мқс. аэродром, ракотодром.

**КОСМОЛО́ГИЯ,** [< юн. kosmos кайҳон + *…логия*]. Коинотшиносӣ; илм дар бораи сохту низоми Коиноти том. || Мқс. астрономия, космогония.

**КОСМОНА́ВТ,** [< юн. kosmos кайҳон + nautes баҳрнавард]. Кайҳоннавард; шахсе, ки бо киштии кайҳонӣ ба кайҳон парвоз мекунад; дар ИМА ва баъзе мамлакатҳои дигар К.-ро *астронавт* гӯянд.

**КОСМОНА́ВТИКА,** [< юн. kosmos кайҳон + nautike киштиронӣ]. Кайҳоннавардӣ; назария ва амалияи парвоз дар кайҳон. || Мқс. астронавтика.

**КОСМОПОЛИ́Т,** [юн. kosmopolites шаҳрванди ҷаҳон]. **1**. Пайрави *космополитизм*; шахсе, ки худро ба ягон миллат мансуб намедонад. **2**. *биол*. Намудҳои ҳайвонот ва наботот, ки дар тамоми кураи Замин паҳн шудаанд, мас., кабӯтар, газна ва ғ.; баръакси *эндемик*.

**КОСМОПОЛИТИ́ЗМ,** [< юн. kosmopolites шаҳрванди ҷаҳон]. Ҷаҳонватанӣ; таълимоти равоқиён дар бораи он ки ҳамаи одамон шаҳрвандони давлати ягонаи ҷаҳонӣ – Космополис мебошанд; пайравони К. мансубияти миллӣ ва қавмияю нажодиро қатъиян рад мекунанд, тамоми ҷаҳонро ватани худ мешуморанд; К. дар шаклҳои гуногун зоҳир мегардад – аз наздикшавии халқу давлатҳо ва аз байн бардоштани сарҳадҳо (мас., дар Иттиҳоди Аврупо) то беэътиноӣ нисбати фарҳангу анъанаҳои миллӣ.

**КО́СМОС,** [юн. kosmos]. Кайҳон, коинот, фалак, олам; фазои берун аз атмосфераи Замин.

**КОСС,** [ҳинд. қад.]. Воҳиди дарозӣ дар Ҳиндустон, ки ба 1,829 км баробар аст.

**КОСТЁ́Л,** [пол. kostol]. Номи полякии ибодатгоҳи католикӣ.

**КОСТЮ́М,** [фр. costume]. **1**. Либоси рӯи мардона ва занона, ки аз шим, пиҷак, камзӯлчаи беостин иборат аст (дар К.-и занона баъзан ба ҷои шим – юбка). **2**. Умуман ҳама гуна либосе, ки бо мақсади муайян ба бар мекунанд, мас., К.-и ғаввосӣ, К.-и Бобои Барфӣ.

**КОСТЮМЕ́Р,** [фр. costumier]. Либосдори театр; корманди театр, ки барои актёрон либоси саҳнавӣ интихоб мекунад (баъзан худаш медӯзад) ва пеш аз намоиш ба онҳо дар либоспӯшӣ ёрӣ мерасонад.

**КОТА́НГЕНС,** [лот. cotangens]. *мат.* Яке аз функсияҳои тригонометрӣ (ctg); дар секунҷаи росткунҷа – нисбати катети ба кунҷи тез часпида бар катети муқобили кунҷ хобида. || Мқс. косеканс, косинус, синус, тангенс.

**КОТЕРИ́Я,** [фр. coterie]. **1**. *таър.* Дар Аврупои Ғарбии асрҳои миёна – дастаи зархаридони мусаллаҳ. **2**. Гурӯҳи одамоне, ки бо ягон мақсади ғаразнок ва тамаъҷӯёна муттаҳид шудаанд.

**КОТИЛЙО́Н (КОТИЛЬО́Н),** [фр. cotillon]. Як навъ рақси фаронсавӣ, ки дар асри 19 дар Аврупо маъмул шуда буд; якчанд рақси мустақил – *валс, мазурка, полка* ва ғ.-ро дар бар мегирифт.

**КОТИЛОЗА́ВР,** [< юн. kotyle ҷом, коса + …*завр*]. *пал.* Намояндаи синфи қадимтарин хазандаҳо, ки дар нимаи дуюми *палеозой* зиндагӣ мекарданд.

**КОТЛЕ́ТА,** [фр. cotelette]. Кулчаи гӯштӣ; як навъ таом, ки аз гӯшти қимаи дар равған бирёншуда ё дар буғ пухташуда иборат аст.

**КОТСИ́Т (КОЦИ́Т),** [< юн. kokytos]. Дар асотири юнониёни қадим – яке аз дарёҳои салтанати зеризаминӣ, ки гӯё дар соҳили он арвоҳи мурдагон зиндагӣ мекардаанд.

**КОТТЕ́Ҷ (КОТТЕ́ДЖ),** [англ. cottage]. Хонаи истиқоматии 2-3-ошёнаи берунишаҳрӣ барои як ё ду оила; дорои қитъаи хурди замин мебошад.

**КОТТО́Н,** [англ. cotton]. Пахта.

**КОТУ́РНҲО,** [лот. cothurnus]. Дар театрҳои давраи атиқа – як навъ пойафзоли пошнабаланд, ки актёрон барои қадашонро баланд карда нишон додан мепӯшиданд.

**КО́УЧ,** [англ. coach]. Мушовир, маслиҳатгар; мураббӣ; шахсе, ки бо *коучинг* машғул аст.

**КО́УЧИНГ**, [англ. coaching]. Суҳбати самимона ва машварату маслиҳати *коуч* бо мизоҷ, ки ба туфайли он мизоҷ мақсаду мароми худро дар ҳаёт, инчунин роҳҳои расидан ба онҳоро муайян мекунад, мушкилоти дар наздаш истодаро мустақилона

рафъ менамояд, новобаста ба он ки ин мушкилот дар кадом соҳаҳои фаъолияти инсонӣ вуҷуд доранд: дар бизнес, болоравӣ дар мансабу мартаба, худогоҳӣ, саломатии ҷисмонӣ, дар оила, муносибат бо атрофиён ва ғ.

**КО-ФА́УНДЕР**, [англ. co-founder co якҷоя, ҳамроҳ + found асос гузоштан, таъсис кардан]. Ҳаммуассис.

**КО́ФЕ,** [< англ. cofee < ар. қаҳва < лот. coffea]. Ниг. қаҳва.

**КОФЕИ́Н,** [< англ. cofee < ар. қаҳва < лот. coffea]. Алкалоиде, ки дар таркиби донаи қаҳва, барги буттаи чой, чормағзи дарахти кола вуҷуд дорад; системаи марказии асабро ангезиш дода, рагҳоро васеъ мекунад.

**КОФЕМА́Н,** [< *кофе* +…*мания*]. Шахси қаҳвадӯст.

**КОФЕРМЕ́НТ,** [< *ко* + *фермент*]. *биол., хим.* Қисми ғайрисафедагии молекулаи фермент, ки бар хилофи қисми дигари он – *апофермент* ба таъсири ҳарорат тобовар мебошад.

**КОФР,** [фр. coffre]. Ҷомадонча ё ҷузвдони хурди сафарӣ, ки аз якчанд кисача иборат аст. К.-ро одатан суратгирон ва наворбардорон бо худ гирифта мегарданд.

**КО́ФТА,** [< рус]. Либоси кӯтоҳи тугмадори занона, ки одатан бо *юбка* мепӯшанд.

**КОШЕНИ́Л (КОШЕНИ́ЛЬ),** [фр. cochenille]. Як навъ ҳашароте, ки аз он ранги сурхи равшан ҳосил мекунанд.

**КОШЕРӢ,** [яҳ. қад.]. Таоми кошерӣ – дар дини яҳудиён – таоме, ки мувофиқи талаботу меъёрҳои ин дин тайёр карда шудааст.

**КОЭРСИТИВӢ (КОЭРЦИТИВӢ),** [< лот. coercitio нигоҳ доштан]. *физ.* Қуввaи коэрситивӣ – бузургии шиддати майдони магнитӣ, ки барои бемагниткунии моддаи *ферро-* *ё ферримагнитӣ* зарур аст.

**КОЭРСИТИМЕ́ТР (КОЭРЦИТИМЕ́ТР),** [< *коэрситивӣ*]. *физ.* Асбоб барои муайян кардани қувваи коэрситивии масолеҳи *ферромагнитӣ.*

**КОЭФФИТСИЕ́НТ (КОЭФФИЦИЕ́НТ),** [< лот. co бо + efficiens ҳосилкунанда]. **1**. *мат.* Зарбкунандаи ададӣ дар ифодаҳои ҳарфӣ, зарбкунандаи маълуми назди ин ё он дараҷаи номаълум ё зарбкунандаи доимии назди бузургиҳои тағйирёбанда. **2**. *физ.* Коэффитсиенти амали муфид – бузургии беандоза, ки дараҷаи самаранокии ин ё он олати техникиро ҳангоми интиқоли энергия ё аз як намуд ба намуди дигар табдил додани он тавсиф менамояд. **3**. Коэффитсиенти заковат (ай кю) – нишондиҳандаи инкишофи ақлӣ ва дараҷаи донишу маълумот, ки бо санҷишу *тестҳои* гуногун муайян карда мешавад. **4**. Нишондиҳандаи оморие, ки бо бузургиҳои нисбӣ ифода ёфтааст; суръати инкишофи ҳодиса (мас., К.-и динамика), басомад ё миқдори ҳодиса (мас., К.-и таваллуд), робитаи мутақобилаи ҳодисаҳои сифатан гуногун (мас., К.-и зичии аҳолӣ) ва ғ.-ро инъикос менамояд. **5**. *гуфт.* Иловапулӣ ба музди меҳнати

коргароне, ки дар шароити вазнин кор мекунанд ё корҳои вазнин ва ба саломатӣ зарароварро иҷро менамоянд.

**КРАБ,** [фр. crabe]. *зоол.* Як навъ харчанги баҳрии думкӯтоҳ.

**КРАКЕЛЮ́Р,** [фр. craquelure]. Кафидани қабати ранг ё локи сурат.

**КРА́КЕР,** [англ. cracker]. *инф.* Барномасозе, ки бо мақсади дастрас намудани ягон иттилоот ё бо дигар мақсадҳои ғаразнок системаи муҳофизатии шабакаҳои компютериро мешиканад. || Мқс. хакер.

**КРА́МБОЛ,** [ҳол. таҳрифшудаи kraanbalk]. Ниг. *кран-балка.*

**КРАН[1],** [ол. Kran]. Мошин барои бардоштан ва ба ҷои дигар гузоштани борҳои вазнин.

**КРАН[2],** [ҳол. kraan]. Ҷумаки қубур, водопровод, газопровод, чалак ва зарфҳои диг.

**КРАН-БА́ЛКА,** [ҳол. kraanbalk]. *Крани* хурд дар киштӣ барои бардоштани лангар.

**КРАНИАЛӢ,** [< юн. kranion косахонаи сар]. *анат.* Косахонагӣ; мансуб ба косахонаи сар, дар назди косахонаи сар ҷойгиршуда; баръакси *каудалӣ.*

**КРАНИО́ГРАФ**, [< юн. kranion косахонаи сар + *...граф*]. Асбоб барои тасвир намудани суроби косахонаи сар.

**КРАНИОГРА́ФИЯ,** [< юн. kranion косахонаи сар + *...графия*]. Ба воситаи асбоби махсус (*краниограф*) тасвир намудани суроби косахонаи сар бо мақсади омӯзиш.

**КРАНИОЛО́ГИЯ,** [< юн. kranion косахонаи сар + *...логия*]. *зоол., антр.* Соҳаи зоология ва *антропология*, ки косахонаи сари инсон ва ҳайвонотро меомӯзад.

**КРАНИОМЕ́ТРИЯ,** [< юн. kranion косахонаи сар + *...метрия*]. Андозагирии косахонаи сар бо мақсади омӯзиш.

**КРАНИОСТЕНО́З,** [< юн. kranion косахонаи сар + *стеноз*]. *тиб, анат.* Тангшавии ковокии косахонаи сар ва вайрон шудани шакли он дар натиҷаи бармаҳал пур шудани чокҳои косахона; К. боиси баландшавии фишори хун дар косахонаи сар ва пажмурдашавии асабҳои босира мегардад.

**КРА́ТЕР,** [< юн. krater косаи калон]. **1**. Ҷоми калони дудаста дар Юнони Қадим. **2**. Танӯраи қифшакли вулқон. **3**. *астр.* Кӯҳи ҳалқашакл дар сатҳи Моҳ.

**...КРА́ТИЯ,** [< юн. kratos ҳокимият, қувва]. Қисми охири калимаҳои мураккаб, ки маънои ҳокимият, ҳукмрониро ифода мекунад, мас., *демократия.*

**КРА́УДКА́СТИНГ**, [англ. crowdcasting < crowd тӯда, издиҳом sourcing истифодаи захираҳо + кастинг]. Ҷустуҷӯи мутахассисон ё ташкилотҳое, ки мушкилоту

вазифаҳои дар назди ширкатҳои илмӣ, тадқиқотӣ, истеҳсолӣ, конструкторӣ, технологӣ ва ғ. истодаро ҳал карда метавонанд.

**КРА́УДСО́РСИНГ,** [англ. crowdsourcing < crowd тӯда, издиҳом sourcing истифодаи захираҳо]. Додани баъзе вазифаҳои истеҳсолӣ ё ҷамъиятӣ ба доираи васеи одамон (одатан ихтиёриён), ки амалҳои худро тавассути технологияҳои иттилоотӣ ҳамоҳанг месозанд.

**КРАУДФА́НДИНГ**, [англ. crowdfunding < crowd тӯда, издиҳом sourcing истифодаи захираҳо + funding маблағгузорӣ]. Ҳамкории одамони ба якдигар бовардоштае, ки барои дастгирии лоиҳаҳо, аз ҷумла лоиҳаҳои хайриявӣ ва сиёсӣ, маблағ ё сарватҳои дигари худро тавассути интернет муттаҳид менамоянд.

**КРА́УЧ,** [англ. crouch]. Нимхам шудан дар бокс ё ҳангоми лижаронӣ дар нишебӣ.

**КРАХМА́Л,** [ол. Kraftmehl < Kraft қувва + mehl орд]. Оҳар; яке аз намудҳои полисахарид; ангиштоби (*карбогидрати*) ордмонанд, ки аз растаниҳо ҳосил мекунанд; дар саноати химия, хӯрокворӣ, бофандагӣ ва ғ. истифода мешавад.

**КРЕАТИВӢ,** [< лот. creatio офаридан, эҷод кардан]. Эҷодӣ; эҷодкорона.

**КРЕАТИ́Н,** [англ. creatine]. *хим.* Кислотаи азотдори органикӣ, ки ба таркиби *фосфокреатин* – моддаи энергетикии захиравии ҳуҷайраҳои мушаку мағзи сар дохил мешавад.

**КРЕАТСИОНИ́ЗМ (КРЕАЦИОНИ́ЗМ),** [< лот. creatio офаридан, эҷод кардан + пасв. -*изм*]. *фалс.* Таълимоти динӣ дар бораи оламу одамро ҳаст кардани Худо.

**КРЕВЕ́ТКА,** [фр. crevette]. *зоол.* Ҷонвари бемуҳраи харчангшакли баҳрӣ аз гурӯҳи даҳпойҳо; дарозиаш аз 2 то 30 см.

**КРЕДИ́Т[1],** [< лот. creditum қарз, вом]. **1**. Қарз; қарзи суднок (фоизнок); ба муҳлати муайян қарз додани пул ё мол. **2**. Маблағе, ки барои иҷрои ягон кор ҷудо карда мешавад, мас., К. барои сохтмон. **3**. *маҷ.* Боварӣ, эътимод дар тиҷорат.

**КРЕ́ДИТ[2],** [< лот. credit ӯ бовар мекунад]. Тарафи рости ҳисобномаи (*счёти*) муҳосибӣ (*бухгалтерӣ*), ки дар он маблағҳои воридшуда ва додашаванда навишта мешавад; баръакси *дебет.*

**КРЕДИ́Т-БЮРО́,** [< *кредит* + *бюро*]. Идорае, ки дар бораи вазъияти моддию молиявии одамон ё ширкатҳои қарзгиранда, инчунин ба адо кардани қарз қодир будан ё набудани онҳо маълумот ҷамъ меорад.

**КРЕДИТО́Р,** [лот. creditor]. Қарздиҳанда; шахс ё муассисае, ки пул ё мол қарз додааст.

**КРЕ́ДО,** [лот. credo бовар кардан]. **1**. Дар дини католикӣ – рамзи эътиқод. **2**. *маҷ.* Ақида; эътиқод; асоси ҷаҳонбинии одам.

**КРЕЗ,** [аз номи подшоҳи Лидия – Крез]. Қорун; соҳиби молу сарвати бешумор.

**КРЕЗО́Л,** [< *креозот* + лот. oleum равған]. *хим.* Пайвасти органикӣ аз синфи *фенолҳо* – моеи берангу бадбӯе, ки аз қатрони ангиштсанг, торф, дарахт ҳосил мешавад; дар истеҳсоли ранг, ширеш, доруҳои гуногун истифода мебаранд.

**КРЕ́ЙСЕР,** [ҳол. kruiser]. Киштии тезгарди ҳарбӣ, ки бо артиллерия, таҷҳизоти торпедаандоз ва минаандоз мусаллаҳ буда, барои разведка ва амалиёти фаъолона бар зидди киштиҳои душман истифода мешавад.

**КРЕЙСМЕ́ЙСЕЛ (КРЕЙЦМЕ́ЙСЕЛЬ),** [ол. Kreuzmeiβel]. *тех.* Исканаи нӯгтез барои ҷӯяк кашидан дар рӯи металл. || Мқс. кернер.

**КРЕ́КЕР,** [англ. cracker]. **1**. Печении дарунковоки на чандон ширин, ки аз орду равған тайёр карда мешавад. **2**. Картошкарезаҳои тунуки хушкондашуда.

**КРЕ́КИНГ,** [англ. cracking]. Коркарди нафт ва маҳсулоти нафтӣ бо мақсади ҳосил кардани сӯзишворӣ, мас., бензин, ё ашёи хом барои саноати химия.

**КРЕМ,** [фр. creme]. **1**. Равғани рӯй; моддаи равғание, ки барои нарму хушбӯ ва хушранг кардан ба дасту рӯ мемоланд. **2**. Равған барои пардози пойафзол. **3**. Дар қаннодӣ – маводе аз чилчӯбзадаи равғани маска, қаймоқ, шоколад ва ғ., ки дар тайёр кардани *торт* ва дигар маҳсулоти қаннодӣ ба кор мебаранд.

**КРЕМАТО́РИЙ,** [лот. crematorium]. Бинои махсус барои ҷасадсӯзонӣ (*крематсия*).

**КРЕМА́ТСИЯ (КРЕМА́ЦИЯ),** [< лот. crematio сӯзондан]. Ҷасадсӯзонӣ; сӯзондани ҷасад дар *печи* махсус.

**КРЕ́МНИЙ,** [< юн. kremnos шах, сахра]. Элементи химиявӣ, рамзаш Si; моддаи ғайриметаллие, ки ба таркиби ҷинсҳои кӯҳӣ дохил мешавад; санги чақмоқ.

**КРЕН,** [< ҳол. krengen ба паҳлӯ хобидани киштӣ]. **1**. Ба як паҳлӯ хам (чаппа) шудан, якпаҳлӯ шудани воситаи нақлиёт, мас., ҳавопаймо. **2**. *маҷ.* Тағйир ёфтани фикру ақидаи одам, мақсаду мароми ғоявию сиёсии ӯ.

**КРЕ́НДЕЛ (КРЕ́НДЕЛЬ),** [ол. Krengel]. Як навъи кулчақанд (*булочка*), ки ба рақами 8 монанд аст.

**КРЕНО́МЕТР,** [< *крен* +…*метр*]. Ниг. *клинометр*.

**КРЕОЗО́Т,** [англ. creosote]. Моеи равғанини зарди шаффоф, ки бӯи тунд дорад; аз дарахти бук ҳосил карда мешавад; ба рӯи маснуоти чӯбин мемоланд (барои нигоҳ доштани маснуот аз пӯсиш).

**КРЕО́ЛҲО,** [< исп. criollo]. **1**. Авлоди аввалин мустамликадорони Испания ва Португалия дар Америкои Шимолӣ. **2**. Умуман насли мустамликадорони аврупоӣ, ки дар мустамликаҳои Испания, Португалия, Фаронса таваллуд шудаанд. **3**. Дар ҷазираҳои уқёнуси Атлантика ва Бразилия – авлоди зангиёни ғулом.

**КРЕП,** [фр. crepe]. **1**. Матои нафиси сиёҳи абрешимӣ ё пашмӣ. **2**. Бозубанд аз чунин матоъ, ки дар рӯзҳои мотам мебананд. **3**. Як навъ *каучуки* табиӣ.

**КРЕПДЕШИ́Н,** [фр. crepe de China крепи Чинӣ]. Як навъ матои нафиси абрешимӣ.

**КРЕПИТА́ТСИЯ (КРЕПИТА́ЦИЯ),** [< лот. crepitare қисир-қисир кардан]. *тиб*. Садои махсусе, ки ҳангоми баъзе бемориҳои шуш, ба якдигар соиш хӯрдани устухонҳои шикаста, ҷамъ шудани намак дар буғумҳо шунида мешавад.

**КРЕПОСТНОӢ,** [< рус. крепость қалъа]. Ҳуқуқи крепостноӣ – ҳуқуқи номаҳдуди заминдор (*помешик*) нисбат ба деҳқонони зердасти худ, ба меҳнат ва молу мулки онҳо.

**КРЕ́СЛО,** [рус.]. Роҳаткурсӣ; курсии паҳни дорои оринҷмонак.

**КРЕСС-САЛА́Т,** [< ол. Kressesalat]. *бот*. Растании хӯрокибоб аз оилаи салибгулҳо; баргҳояш намакҳои минералӣ, витамини С, каротин, йод, оҳан доранд.

**КРЕТИ́Н,** [фр. cretin]. **1**. Шахси гирифтори *кретинизм*. **2**. *маҷ*. Аблаҳ, аҳмақ, нодон, камақл, ноқисулақл.

**КРЕТИНИ́ЗМ,** [фр. cretinisme]. **1**. *тиб*. Як навъ бемории эндокринӣ, ки ба он суст кор кардани ғадуди сипаршакл, ақибмонии инкишофи ҷисмонӣ ва ақлӣ, вайроншавии таносуби бадан, камақлӣ хос аст. **2**. *маҷ*. Аблаҳӣ, аҳмақӣ, нодонӣ, камақлӣ, ноқисулақлӣ.

**КРЕТО́Н,** [фр. cretonne]. Матои ғафси пахтагии гулдор барои рӯйкаш намудани мебел.

**КРЕШЕ́НДО (КРЕЩЕ́НДО),** [ит. crescendo]. *мус*. Торафт баландтар шудани қувваи овоз.

**КРЕ́ШЕР,** [англ. crusher]. Меҳвари на чандон калони металлии силиндршакл, ки аз рӯи вайроншавии шакли он дараҷаи фишори газро ҳангоми таркиш муайян мекунанд.

**КРИБИҶ (КРИ́ББИДЖ),** [англ. cribbage]. Як навъ қартабозӣ, ки дар Британияи Кабир ва ИМА маъмул аст; ҳар як бозигар кӯшиш мекунад, ки аввалин шуда 121 хол ба даст орад.

**КРИВОШИ́П,** [рус.]. Каҷдандона; одитарин ҷузъи механизми даврзананда, ки дар атрофи меҳвари номутаҳаррик пурра чархида метавонад.

**КРИЗ,** [фр. crise хуруҷ]. *тиб*. Шиддати (хуруҷи) сахту ногаҳонии беморӣ.

**КРИ́ЗИС,** [юн. krisis]. **1**. Буҳрон; дигаргунӣ ё шикасти қатъӣ дар фаъолияти корхона, муассиса, иқтисод, ҳаёти ҷомеа ва ғ. **2**. *тиб*. Дигаргунии ҷиддӣ дар ҷараёни беморӣ.

**КРИКЕ́Т,** [англ. cricket]. Як навъ бозии даставии варзишӣ (11-нафарӣ) бо тӯб, ки ба *бейсбол* монанд аст.

**КРИМИНА́Л,** [лот. criminalis]. Ҷиноят.

**КРИМИНАЛИ́СТ,** [лот. criminalis]. Мутахассиси *криминалистика.*

**КРИМИНАЛИ́СТИКА,** [лот. criminalis]. Шуъбаи илми ҳуқуқ, ки усулҳои тафтиши ҷиноят, ҷамъоварӣ, тадқиқ ва арзёбии далелҳо, инчунин роҳҳои пешгирии ҷинояткориро меомӯзад. || Мқс. криминология.

**КРИМИНОЛО́ГИЯ,** [лот. criminalis + *…логия*]. Илме, ки ҷинояткорӣ, сабабҳои он, шахсияти ҷинояткор, инчунин тарзу усулҳои мубориза бо ҷинояткориро меомӯзад.

**КРИНОЛИ́Н,** [< лот. crinis мӯй + linum матои катонӣ]. *таър.* Дар миёнаҳои асри 19 – юбкае, ки барои зангӯлавор васеъ шуданаш ба таги он панҷараи симин ё аз дандони кит ҳалқаҳо медӯхтанд.

**КРИО…,** [< юн. kryos хунукӣ]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки хунукӣ, сардӣ, ҳарорати пастро ифода мекунад, мас., *криосфера, криотерапия.*

**КРИОБИОЛО́ГИЯ,** [< *крио…* + *биология*]. *биол.* Яке аз соҳаҳои биология – илм дар бораи таъсири ҳарорати паст ва ниҳоят паст ба организмҳои зинда.

**КРИОГЕНЕ́З,** [< *крио…* + *…генез*]. Маҷмуи равандҳои физикӣ, химиявӣ, биохимиявӣ, ки дар *криосфера* ба амал меоянд.

**КРИОГЕНӢ,** [< *крио…* + *…геннӣ*]. *физ.* Мансуб ба сардӣ, ҳарорати паст; т е х н и к а и  К. – соҳаи илм ва техника, ки масъалаҳои ҳосил намудан, нигоҳ доштан ва истифода бурдани ҳарорати пасттар аз 120 К-ро таҳқиқ менамояд.

**КРИОЛИ́Т,** [< *крио…* + *…лит*]. *маъд.* Минерали нимшаффофи сафед аз гурӯҳи *фторидҳо*; дар табиат кам вомехӯрад; К.-и сунъӣ дар истеҳсоли алюминий истифода мешавад.

**КРИОЛО́ГИЯ,** [< *крио…* + *…логия*]. Криосферашиносӣ; илме, ки *криосфераро* тадқиқ мекунад.

**КРИО́НИКА,** [< юн. kryos хунукӣ]. *тиб.* Соҳаи тиб, ки тарзу усулҳои дар ҳарорати паст ба муддати дароз нигоҳ доштани организмҳои мурдаро меомӯзад.

**КРИОСКОПИ́Я,** [< *крио…* + *…скопия*]. **1**. *физ.* Усули физикию химиявии тадқиқ, ки ба пастшавии ҳарорати яхбандии маҳлул нисбат ба ҳарорати яхбандии ҳалкунандаи холис асос ёфтааст; бештар барои муайян кардани массаи молекулавии моддаҳо истифода мешавад. **2**. *тиб.* Усули муайян намудани нуқтаи яхбандии моеоти бадан, мас., пешоб, хун ва ғ.

**КРИОСТА́Т,** [< *крио…* + *…стат*]. Асбоби махсус (т*ермостат*) барои кор дар ҳарорати паст.

**КРИОСФЕ́РА,** [< *крио… + сфера*]. *физ.* Қабати канда-кандаи Кураи Замин дар минтақаи байни *атмосфера, гидросфера* ва *литосфера*, ки ба он мавҷудияти ях ё имконпазир будани мавҷудияти он хос мебошад; К. аз қабатҳои болоии қишри замин то қабатҳои поёнии *ионосфера* тӯл мекашад. || Мқс. термосфера.

**КРИОТЕРАПИ́Я,** [< *крио… + терапия*]. *тиб.* Сармодармонӣ; муолиҷа бо хунукӣ; то меъёри муайян хунук кардани узву бофтаҳо бо мақсади таскин додани дард, мас., ҳангоми шикастани ягон узв, хунравӣ, дарди кӯррӯда ва м. инҳо.

**КРИОФИ́ЛҲО,** [< *крио… + …фил*]. *биол.* Организмҳои сардидӯст; обсабзҳои якҳуҷайрагӣ, баъзе кирму ҳашароте, ки дар рӯи яху барф, дар зери обҳои яхбаста зиндагӣ мекунанд; баръакси *темофилҳо*.

**КРИОХИРУРГИ́Я,** [< *крио… + хирургия*]. *тиб.* Усули ҷарроҳӣ, ки ба ях кунондани бофтаҳо асос ёфтааст; ҳангоми ҷарроҳии мағзи сар, гурда, чашм ва ғ. истифода мешавад.

**КРИ́ПТА,** [лот. crypta]. **1**. Дар аҳди атиқа – роҳи зеризаминӣ. **2**. Дар Рими Қадим – хона, ҳуҷра дар ғорҳо (*катакомбаҳо*), ки дар он ҷо аввалин насрониҳо барои ибодат ва дафни мурдаҳояшон ҷамъ мешуданд.

**КРИПТО…,** [< юн. kryptos махфӣ]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои махфӣ, аз назар пинҳон будан, мас., *криптография.*

**КРИПТОВАЛЮ́ТА,** [< *крипто… + валюта*]. Асъори рақамӣ (электронӣ), ки бо усули криптографӣ тайёр карда мешавад; маркази ягонаи назорат ва баҳисобгирӣ надорад.

**КРИПТОГА́МҲО,** [< *крипто…* + gamos никоҳ]. *бот.* Растаниҳои бегул, мас., бактерияҳо, обсабзҳо, замбӯруғҳо, гулсангҳо, ушнаҳо ва ғ.

**КРИПТОГРА́ММА,** [< *крипто… + …грамма*]. Хати рамзӣ; хати махфӣ; хат ё ҳуҷҷати бо аломатҳои шартӣ навишташуда, ки онро онро фақат шахсони аз ин аломатҳо бохабар хонда метавонанд.

**КРИПТОГРА́ФИЯ,** [< *крипто… + …графия*]. Хате, ки бо мақсади хонда натавонистани дигарон бо аломатҳо, рамзҳо навишта мешавад, инчунин тарзи навиштани чунин хат.

**КРИПТОДЕПРЕ́ССИЯ,** [< *крипто… + депрессия*]. *геол.* Чуқурӣ дар сатҳи замин, ки қаъри он, қисман бошад ҳам, пасттар аз сатҳи баҳр, сатҳи оби он бошад, баландтар аз сатҳи баҳр аст, мас., кӯли Байкал.

**КРИПТОКОККО́З,** [лот. cryptococcosis]. *тиб.* Бемории вазнини одам ва ҳайвон, ки бо таъсири замбӯруғҳои криптоккок пайдо мешавад; бештар ба шуш, асабияи марказӣ, пӯст ва ғози (*клетчаткаи*) зери пӯст зарар мерасонад.

**КРИПТОМНЕЗИ́Я,** [< *крипто…* + mnesis ба ёд овардан]. *тиб.* Яке аз намудҳои *парамнезия*; ихтилоли хотира; бемории рӯҳие, ки ҳангоми он бемор дар байни

ҳодисаҳои воқеӣ ва ҳодисаҳои дар хоб дидааш, дар китоб хондааш ё аз дигарон шунидааш фарқ гузошта наметавонад.

**КРИ́ПТОН,** [< юн. kryptos пӯшида]. *хим.* Элементи химиявӣ, гази беренгу бебӯй аз гурӯҳи газҳои инертӣ; бештар дар чароғҳои электрикӣ, найчаҳои мунири рекламавӣ истифода мешавад.

**КРИПТОРХИ́ЗМ,** [< юн. kryptos пӯшида + orchis тухм, хоя]. *тиб.* Инкишофи нодурусти хояҳо – ба хоядон нафуромада, дар ковокии шикам ё дар канали қадкашак бозмондани як ё ҳарду хоя.

**КРИПТОФИ́ТҲО,** [< юн. kryptos пӯшида + phyton растанӣ]. *бот.* Гиёҳҳои бисёрсола, ки қисми аз хок беруни онҳо дар зимистон ё дар хушксолӣ тамоман мемирад, аммо муғчаҳояшон дар зери замин (*геофитҳо*) ё дар зери об (*гидрофитҳо*) монда, соли оянда аз нав нумуъ мекунанд.

**КРИПТОФОНИ́Я,** [< *крипто…* + *…фония*]. Гуфтугӯи телефонӣ бо истифодаи рамзҳо.

**КРИСТА́ЛЛ,** [< юн. krystallos ях]. Ҷисми сахт, ки шаклаш табиатан бисёрӯяи мунтазам аст ва зарраҳояш (атомҳо, ионҳо, молекулаҳо) дар панҷараи фазоӣ мураттаб ҷойгир шудаанд.

**КРИСТАЛЛИЗА́ТСИЯ (КРИСТАЛЛИЗА́ЦИЯ),** [< *кристалл*]. Табаллур; кристаллшавӣ, кристаллбандӣ; дар натиҷаи электролизу реаксияҳои химиявӣ аз буғ, маҳлул, гудохта ва моддаҳои сахт (*аморфӣ*) ташаккул ёфтани *кристаллҳо.*

**КРИСТАЛЛОГИДРА́Т,** [< *кристалл* + *гидрат*]. *Кристалле*, ки дар панҷараи худ молекулаҳои об дорад, мас., гаҷ.

**КРИСТАЛЛОГРА́ФИЯ,** [< *кристалл* + *…графия*]. Кристаллшиносӣ; илм дар бораи *кристаллҳо*, ташаккул, сохт ва хусусиятҳои онҳо.

**КРИСТАЛЛОО́ПТИКА,** [< *кристалл* + *оптика*]. Илм дар бораи паҳншавии рӯшноӣ дар *кристаллҳо.*

**КРИСТАЛЛОФИ́ЗИКА,** [< *кристалл* + *физика*]. Шуъбаи физикаи ҷисмҳои сахт, ки хусусиятҳои физикии кристаллҳоро меомӯзад.

**КРИСТАЛЛОХИ́МИЯ,** [< *кристалл* + *химия*]. Яке аз шохаҳои химия – илм дар бораи вобастагии сохту таркиби кристаллҳо аз таркиби химиявии онҳо.

**КРИТАЮ́ГА,** [ҳинд. қад.]. Дар дини ҳиндуия – асри тиллоӣ – давраи якум аз чаҳор давраи инкишофи инсоният.

**КРИТЕ́РИЙ,** [< юн. kriterion ченак]. Маҳак; меъёр; аломати фарққунандае, ки дар асоси он ягон чиз андозагирӣ, арзёбӣ, муайян ё тасниф карда мешавад.

**КРИ́ШНА,** [санск.]. Дар дини ҳиндуия – таҷассуми худо Вишну дар рӯи замин.

**КРИШНАИ́ЗМ,** [Кришна + пасв. -*изм*]. Кришнаия; яке аз шохаҳои *вишнуизм*, ки ба парастиши Кришна асос ёфтааст; бештар дар байни чӯпонон паҳн шуда буд, зеро онҳо Кришнаро рӯҳ ва ҳомии кӯҳу санг, борон ва растаниҳо медонистанд.

**КРИШНАИ́ТҲО,** [< *Кришна*]. Пайравони Кришна ва *кришнаизм.*

**КРОА́ТСИЯ (КРОА́ЦИЯ),** [ол. Kroatien]. Номи аврупоии Хорватия.

**КРОВА́Т (КРОВА́ТЬ),** [юн. kroββatos]. Кат; кати хоб.

**КРОКА́НҲО,** [фр. croquats]. *таър.* Иштирокдорони шӯриши деҳқонон дар Фаронса (дар асрҳои 16 – 17); кам кардани андози давлатӣ ва хироҷи сенйориро талаб менамуданд.

**КРОКЕ́Т,** [фр., англ. croquet]. *варз.* Як навъ бозии варзишӣ, ки дар он ҳар як бозигар кӯшиш мекунад, тӯбро бо болғаи чӯбин зада, аз дарвозачаҳои симин гузаронад.

**КРОКИ́,** [фр. croquis]. **1**.Ангора. **2**. *геод.* Тарҳи маҳал.

**КРО́КУС,** [лот. crocus]. *бот.* Заъфарон.

**КРОЛ (КРОЛЬ),** [< англ. crawl хазидан]. *варз.* Яке аз усулҳои шиноварии босуръати варзишӣ; шиновар ба пушт ё ба шикам хобида, дастонашро бо навбат аз об бароварда, шино мекунад. || Мқс. баттерфляй, брасс.

**КРО́МЛЕХ,** [англ. cromlech]. *пал.* Иншооти давраи *неолит* ва асри биринҷӣ дар шакли тавораи мудавваре, ки аз тахтасангҳои калон ва сутунҳои сангин сохта шудааст; асосан барои иҷрои расму оинҳои динӣ истифода мешуд.

**КРОН,** [ол. Kron]. *Пигменти* рангаш зард, норанҷӣ ва сурх.

**КРО́НА¹,** [ол. Krone]. Шохсор; ҳамаи шоху баргҳои дарахт.

**КРО́НА²,** [ол. Krone]. Воҳиди пул дар баъзе мамлакатҳои Аврупо.

**КРОН́ВЕРК,** [ол. Kronwerk]. *ҳарб., таър.* Истеҳкоми иборат аз як *бастиони* марказӣ ва ду нимбастиони канорӣ дар назди даромадгоҳи қалъа.

**КРОНГЛА́С,** [ол. Kronglas]. Як навъ шишаи махсуси оптикӣ.

**КРОНПРИ́НС (КРОНПРИ́НЦ),** [ол. Kronprinz]. *таър.* Вориси тахт, валиаҳди салтанат дар Германия ва Австро-Венгрия то с. 1918 (то барҳам хӯрдани ҳокимияти монархӣ дар ин мамлакатҳо).

**КРОНСИ́РКУЛ (КРОНЦИ́РКУЛЬ),** [ол. Kronzirkel]. Паргори пойҳояш камоншакл барои чен кардани андозаи берунии ягон чиз.

**КРО́НШНЕП,** [ол. Kronschnepf]. *зоол.* Бат; як навъ парандаи ботлохӣ.

**КРОНШТЕ́ЙН,** [ол. Kragstein]. Танба, такя; конструксияи *консолӣ* барои ба девор, сутун ва ғ. такя кунондани қисми бино, рафҳо ё қисмҳои мошин, дастгоҳ ва ғ.

**КРО́ППЕР,** [англ. cropper]. – чоряккор дар ИМА, ки аз соҳиби замин на танҳо қитъаи замин, балки ҳайвоноти корӣ, асбобу анҷоми кишоварзӣ ва тухмиро ба иҷора мегирад.

**КРОСС[1],** [< англ. cross убур кардан, гузаштан]. *варз.* **1**. Дави варзишӣ ё пойгаи варзишӣ бо велосипед, мототсикл, автомобил ва ғ. дар ҷойҳои ноҳамвор. **2**. Дар бокс – зарбаи ҷавобӣ барои зада гардондани зарбаи ҳариф.

**КРОСС[2],** [< англ. cross убур кардан, гузаштан]. Хонаи махсус дар стансияи телефонӣ, ки дар он ҷевон ё тахтаҳои васли симу нуқтаҳои телефон гузошта шудаанд.

**КРОССБРИ́ДИНГ**, [< англ. crossbreeding]. *биол., байт.* Яке аз намудҳои *аутбридинг*; ҷуфтикунонии ҳайвоноти гуногунҷинс.

**КРОССВО́РД**, [англ. cross-word < cross чиллик, салиб + word вожа, калима]. Чилликвожа; бозӣ-чистон, ки катакҳои холии он дар ҷавоби саволҳои додашуда бо вожаҳои даркорӣ аз чап ба рост ва аз боло ба поён пур карда мешаванд.

**КРОСС-ГЕНДЕР,** [англ. *cross gender*]. Ниг. *трансгендер*.

**КРОСС-ДРЕ́ССЕР,** [англ. *cross dresser*]. Одаме, ки баъзан либоси ҷинси муқобилро мепӯшад; аломати вайроншавии тамоюли шаҳвонӣ ба ҳисоб меравад.

**КРО́ССИНГ,** [< англ. crossing гузаштан]. **1**. Иншооти шамолдиҳӣ (*вентилятсионӣ*) дар *шахта* барои ҷудо кардани ҷараёнҳои ҳавои муқобили якдигар ҳаракаткунанда. **2**. *варз.* Вайрон кардан қоидаи сабқат дар пойга – гирифтани пеши роҳи ҳариф баъди пеш гузаштан аз ӯ.

**КРОССМЕ́Н,** [< англ. cross]. Иштирокчии *кросс*[1].

**КРОССПО́СТИНГ**, [англ. crossposting]. *инф.* Ба таври автоматӣ ё дастӣ ҷой додани худи ҳамон як мавод (мақола, сурат, филм ва ғ.) дар сайтҳо, блогҳо, форумҳои гуногуни интернетӣ.

**КРОССШОР**, [англ. cross-shore]. Шамоли баҳр; боде, ки аз баҳр сӯи соҳил мевазад.

**КРОШЕ́,** [< фр. crochet чангак]. Риштаи бақуввати дутоба ва шерозаи тӯрии бо ин ришта бофташуда.

**КРУЖО́К,** [рус. доирача]. Маҳфил; гурӯҳи одамон, ки бо ягон мақсад (такмили донишу маҳорат, мубодилаи афкору таҷриба ва ғ.) дар як ҷо ҷамъ мешаванд, мас., К.-и адабӣ, К.-и шоҳмот.

**КРУЗА́ДО,** [порт. cruzado]. Воҳиди пули Португалия, ки ба 1000 сентаво баробар аст.

**КРУЗЕ́ЙРО,** [порт. cruzeiro]. Воҳиди пули Бразилия, ки ба 100 сентаво баробар аст; моҳи марти с. 1986 ба крузадо иваз карда шуд.

**КРУИ́З,** [англ. cruise]. Саёҳати баҳрӣ.

**КРУП[1],** [англ. croup]. *тиб.* **1**. К.-и ҳақиқӣ – буғма; хурӯсак; газаки луобпардаи ҳалқ. **2**. К.-и козиб – аломатҳои *ларингит* ҳангоми бемории зуком ва сурхча.

**КРУП[2],** [фр. croupe]. Қисми ақиби бадани асп.

**КРУПЙЕ́ (КРУПЬЕ́),** [фр. croupier]. Маъмури казино, қиморхона, ки ба рафти бозӣ назорат мекунад, қарта тақсим менамояд, пули қимор (*ставка*)-ро қабул мекунад, ба бозигарон пули бурдашонро медиҳад.

**КРУПО́Н,** [фр. croupon]. Қисми ғафси пӯсти ҳайвонот, ки аз он чарми бақувват ҳосил мешавад; дар истеҳсоли тасма, кафаки пойафзол ва ғ. истифода мебаранд.

**КРЭК**, [англ. crack]. **1**. Як навъ маводи мухаддири сахттаъсир, ки дар натиҷаи тоза кардани кокаин ҳосил мешавад. **2**. Як навъ чарми сатҳаш ҷилоноки доначадор.

**КРЮЙТ-КА́МЕРА,** [ҳол. kruit-kame]. Ҷои нигоҳдории моддаҳои тарканда дар киштиҳои ҳарбӣ.

**КРЮШО́Н,** [< фр. cruchon кӯзача]. Як навъ нӯшокӣ – омехтаи маи сафед, коняк ё ром, меваи тару тоза, қанд, баъзан шампон. || Мқс. грог, коктейл.

**КСА́НТИК,** [< юн. xantikos наддофӣ]. Яке аз моҳҳои тақвими суриёнӣ-македонӣ дар аҳди атиқа, ки ба моҳи апрел рост меояд; дар ин моҳ гӯсфандтарошӣ ва наддофӣ мекарданд ва номаш аз ҳамин ҷост.

**КСАНТОПСИ́Я,** [< юн. xanthos зард + ops нигоҳ]. *тиб.* Зардбинӣ; зард дидани ашё; ба чашм зард намудани ҳама чиз; ҳангоми бемориҳои зардпарвин, заҳролудшавӣ ва баъзе бемориҳои диг. мушоҳида мешавад.

**КСАНТОФИ́ЛЛ,** [< юн. xanthos зард + phyllon барг]. *бот., хим.* Моддаи рангдиҳандаи зард, ки дар барг, муғча ва гулу меваи растаниҳои олӣ, аксари обсабзҳо ва микроорганизмҳо, инчунин дар зардии тухми мурғ ва ҷигари баъзе ширхӯрон вуҷуд дорад.

**КСЕ́НИЯ[1],** [юн. xenia]. **1**. Дар Юнон ва Рими Қадим – тӯҳфа, инъоме, ки соҳиби хона ба меҳмонон пешкаш менамуд. **2**. *адш.* Навъи шеъри кӯтоҳи пурҳикмат.

**КСЕ́НИЯ[2],** [юн. xenia]. *бот.* Тухму мевае, ки аз тухму меваи дигари худи ҳамон як растанӣ бо ранг, шакл, ҳаҷм, таъм ва диг. аломатҳояш фарқ мекунад.

**КСЕНО...,** [< юн. xenos бегона]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои бегона, мас., *ксеногамия, ксенофобия.*

**КСЕНОБИО́ТИКҲО,** [< *ксено…* + bios ҳаёт]. Пайвастҳои барои организм бегона – партовҳои саноатӣ, пестисидҳо, маводи химиявии рӯзгор, дорувори тиббӣ ва ғ.

**КСЕНОГА́МИЯ,** [< *ксено…* + gamos никоҳ, ҷуфтшавӣ]. *бот.* Гардолудшавии мутақобила – гардолудшавии гулҳои як растанӣ бо гардҳои гули растании дигари худи ҳамин намуд. ‖ Мқс. клестогамия.

**КСЕНОЛИ́Т,** [< *ксено…* + lithos санг]. *геол.* Пораи ҷинси кӯҳии бегона дар байни ягон ҷинси кӯҳии магмавӣ (тафтавӣ), ки бо таркиби минералии худ аз он фарқ мекунад, мас., заѓорасанг дар таркиби санги хоро.

**КСЕНО́Н,** [лот. Xenon < юн. xenos бегона]. *хим.* Элементи химиявӣ, гази берангу бебӯйи инертӣ аз гурӯҳи VIII системаи даврӣ (Xe); дар прожекторҳо ва кинопроекторҳо истифода мебаранд. ‖ Мқс. аргон.

**КСЕНОТРАНСПЛАНТА́ТСИЯ (КСЕНОТРАНСПЛАНТА́ЦИЯ),** [< *ксено…* + *трансплантатсия*]. *тиб.* Кӯчонда шинондани бофта ё узви бадани фарди як синф (*донор*) ба фарди синфи дигар (*ретсипиент*), мас. аз паранда ба ҳайвони ширхӯр. ‖ Мқс. аутопластика, аутотрансплантатсия.

**КСЕНОФО́БИЯ,** [< *ксено…* + *…фобия*]. **1**. Бегонатарсӣ; тарсу ваҳми пайгир аз одамони ношинос, бегонагон. **2**. Бегонабадбинӣ; нафрату адоват нисбати ҳар каси бегона ё ҳар чизи бегона.

**КСЕРО….,** [< юн. xeros хушк]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки маънои нусхабардороиро ифода мекунад, мас., *ксерокопия.*

**КСЕРОГРА́ФИЯ,** [< *ксеро…* + *…графия*]. Маъмултарин намуди нусхабардории сиёҳу сафед ё ранга бо усули *электрофотография.*

**КСЕРОДЕРМИ́Я,** [< *ксеро…* + derma пӯст]. *тиб.* Бемории ирсии пӯст, ки сабабаш баландшавии ҳассосият ба нурҳои ултрабунафш мебошад; пӯст дар аввал сурх, сипас хушк мешавад ва ҷо-ҷо мекафад, доғу озаххо пайдо мешаванд.

**КСЕРО́З,** [< юн. xeros хушк]. Хушкпӯстӣ; хушкидани пӯст дар натиҷаи фаъолияти нокифояи ғадудҳои равған.

**КСЕРОКО́ПИЯ,** [< *ксеро…* + *копия*]. Нусхабардории ҳуҷҷат бо усули *ксерография.*

**КСЕ́РОКС,** [англ. Xerox]. **1**. Ширкате дар Британияи Кабир, ки асосан бо истеҳсоли техникаи нусхабардор машғул аст. **2**. Ҳама гуна дастгоҳи нусхабардорие, ки бо усули *ксерография* кор мекунад.

**КСЕРОМОРФИ́ЗМ,** [< *ксеро…* + morphe шакл]. *бот.* Хусусияти ба хушкӣ тобоварии растаниҳо.

**КСЕРОСТОМИ́Я,** [< *ксеро…* + stoma даҳон]. *тиб.* Хушкидани даҳон аз сабаби халал ёфтани фаъолияти ғадудҳои оби даҳон.

**КСЕРОФИ́ЛҲО,** [< *ксеро…* + phileo дӯст медорам]. *бот., зоол.* Растанию ҳайвоноти гармидӯст.

**КСЕРОФИ́ТҲО,** [< *ксеро…* + phyton растанӣ]. *бот.* Растаниҳои ба гармию хушкӣ тобовар.

**КСЕРОФТАЛМИ́Я (КСЕРОФТАЛЬМИ́Я),** [< *ксеро…* + ophtalmos чашм]. *тиб.* Хушкидани пардаҳои мултаҳима ва қарнияи чашм дар натиҷаи суст ҳосил шудани оби чашм, ғизогирии нокифояи ин пардаҳо ва нарасидани витамини А.

**КСЁНДЗ,** [пол. ksiadz]. Рӯҳонии католикии полякҳо. || Мқс. аббат, пастор, раввин.

**КСИ,** [юн. қад.]. Ҳарфи 14-уми алифбои юнонӣ (ξ).

**КСИЛЕ́МА,** [< юн. xylon дарахт]. *бот.* Бофтаи растанӣ, ки барои аз реша ба шоху баргҳо бурда расондани об ва намакҳои минералӣ хизмат мекунад.

**КСИЛИ́Т,** [< юн. xylon дарахт, чӯб]. Пайвасти органикӣ, спирти панҷатома, моддаи беранги кристаллӣ, ки аз қанд ширинтар аст; аз пӯчоқи дони ҷуворимакка, офтобпараст, чигити пахта ҳосил мекунанд; дар саноати қаннодӣ бо мақсади истеҳсоли қанд барои беморони *диабет* истифода мешавад.

**КСИЛО…,** [< юн. xylon дарахт, чӯб]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки ба чӯб робита доштанро ифода мекунад, мас., *ксилография.*

**КСИЛОГРА́ФИЯ,** [< *ксило…* + *…графия*]. **1**. Кандакорӣ, ҳаккокӣ дар рӯи чӯб. **2**. Нақши дар рӯи чӯб ҳаккокишуда.

**КСИЛО́Л,** [< юн. xylon дарахт, чӯб + oleum равған]. *хим.* Пайвасти органикии беранг, ки аз қири ангиштсанг ҳосил мекунанд; дар истеҳсоли моддаҳои ҳалкунанда, локу ранг ва дорувор истифода мешавад.

**КСИЛОЛИ́Т,** [< юн. xylon дарахт, чӯб + lithos санг]. Масолеҳи сунъии бинокорӣ – омехтаи сементи магнезиядор бо аррамайда, асбест ва моддаҳои диг.

**КСИЛО́МЕТР,** [< *ксило…* + *…метрия*]. *тех.* Асбоб барои муайян кардани ҳаҷми ҷисмҳои нодурустшакл бо роҳи ба зарфи обдор андохтани онҳо ва чен кардани ҳаҷми оби аз зарф рехта.

**КСИЛОФО́Н,** [< *ксило…* + *…фон*]. Асбоби мусиқии чангмонанд, ки ба ҷои тор тахтачаҳои чӯбин дорад ва бо болғачаҳои чӯбин навохта мешавад.

**КТИ́ТОР,** [< юн. ktitor асосгузор, муассис]. Хазинадори калисо.

**КУА́ДРА,** [< исп. cuadro квадрат]. Дар Амрикои Лотинӣ: **1**. Воҳиди дарозӣ, ки дар мамлакатҳои гуногун ҳар хел, аз 80 то 130 м аст. **2**. Воҳиди майдон, ки дар мамлакатҳои гуногун ҳар хел, аз 1 то 1,74 га аст.

**КУАФЁР,** [фр. coiffure]. *кӯҳна.* Сартарош.

**КУБ,** [юн. kubos]. **1**. *геом*. Мукааб; яке аз панҷ навъи бисёррӯяҳои рост; шаш рӯяи квадратӣ, 12 теға, 8 қулла дорад. **2**. *мат*. Дараҷаи сеюми адад ё аломати се зарбкунандаи якхела, мас., К.-и адади 2 аз $2^3$ ё 2 · 2 · 2 иборат аст. **3**. Дег барои ҷӯшондани об ё маҳлулҳои диг.

**КУБА́НКА,** [< рус. Кубань – номи мавзеъ]. **1**. Яке аз навъҳои гандум. **2**. Телпаки бегӯшаки болояш ҳамвор.

**КУБАТУ́РА,** [< *куб*]. Ҳаҷми ягон чиз ба ҳисоби мукааб (куб).

**КУБИ́ЗМ,** [фр. cubisme]. Яке аз шаклҳои *абстраксионизм*; равияи шаклпарастона дар санъати тасвирӣ, ки аввалҳои асри XX дар Фаронса пайдо шуда буд; пайравони К. ашё, одамон, табиатро дар шакли ҷисмҳои геометрӣ – конусҳо, кураҳо, силиндрҳо ва ғ. тасвир мекарданд.

**КУ́БОК,** [рус.]. **1**. Ҷом, паймона, соғар; **2**. *варз*. Зарфи ҷоммонанди шишагӣ ё металлӣ, ки ба ғолибони мусобиқаҳои варзишӣ супурда мешавад.

**КУ́БРИК,** [ҳол. koebrug]. Хобгоҳи матросҳо дар саҳни поёнии киштӣ. || Мқс. каюта, кают-компания.

**КУВЕ́З,** [фр. couveuse]. *тиб*. Катчаи муҷаҳҳаз бо *инкубатори* дорои микроиқлими сунъӣ, асбобҳои махсуси гармкунанда ва оксигендиҳанда барои парасторӣ ва муолиҷаи кӯдакони норасид.

**КУВЕ́НД,** [алб. kuvend]. Парламент дар Албания.

**КУВЕ́РТ,** [фр. couvert]. *кӯҳна*. Асбоби таомхӯрӣ.

**КУГУА́Р,** [ҳинд. Ам.]. Ниг. *пума*.

**КУЗЕ́Н**, [фр. cousin]. Писари амак, писари амма, писари тағо, писари хола.

**КУЗИ́НА**, [фр. cousine]. Духтари амак, духтари амма, духтари тағо, духтари хола.

**КУ́ЗОВ,** [рус.]. Ҷои нишаст ё бормонии (бордони) автомобил, ароба.

**КУ-КЛУКС-КЛА́Н,** [англ. Ku-Klux-Klan]. Ташкилоти махфии сиёсӣ дар ИМА; соли 1865 бо мақсади таъқиб ва қир кардани зангиён ва сафедпӯстоне, ки бар зидди ғуломдорӣ ва нажодпарастӣ мубориза мебурданд, таъсис дода шудааст.

**КУЛА́К,** [рус. мушт < турк. қул даст]. Муштзӯр; шахси молдор, заминдор, ки деҳқонони камбағалро дар замини худ бо музди ночиз кор фармуда, истисмор мекунад.

**КУЛЕБЯ́КА,** [< рус. кулебячить мушт задани хамир]. Пироги дарозрӯяи гӯштӣ, моҳигӣ ё карамӣ.

**КУ́ЛЕР,** [< англ. cooler хунуккунанда]. Шамолдиҳаки хурди пластикӣ, ки дар *корпуси* компютер барои хунук кардани он насб карда мешавад.

**КУЛЁК,** [рус.]. **1**. Як навъ халтаи секунҷа. **2**. Халтачаи конусшакли коғазин (асосан барои андохтани конфет, қанд ва м. инҳо).

**КУЛЁР,** [фр. couleur]. Қанди сӯхта; карамел; дар қаннодӣ, инчунин барои ранг додани маҳсулоти хӯрокӣ (пиво, май сирко ва ғ.) истифода мешавад.

**КУЛИНА́РИ́Я,** [< лот. culina ошхона]. **1**. Санъати таомпазӣ. **2**. Фурӯшгоҳи маҳсулоти нимтайёри хӯроквори.

**КУЛИСЙЕ́ (КУЛИСЬЕ́),** [фр. coulissier]. Даллоли ғайрирасмии биржа – *маклер*, ки бе иштироки даллолҳои расмӣ харидуфурӯш мекунад.

**КУЛИ́Ч,** [рус. < юн. қад.]. Нони гирдаи ширини фаххак, ки дар иди писҳои насрониён пухта мешавад.

**КУЛО́Н¹,** [аз номи физики франсавӣ Шарл Кулон (1736 – 1806)]. *физ*. Воҳиди миқдори электр дар Системаи воҳидҳои байналхалқӣ; миқдори электр, ки дар як сония аз буриши кундалангии ноқили қувваи ҷараёнаш 1 ампер мегузарад.

**КУЛОН²,** [фр. coulant]. Зеби гардан; санги қиматбаҳое, ки бо занҷири борик ба гардан меовезанд.

**КУЛОНОМЕ́ТРИ́Я,** [< *кулон¹* + *…метрия*]. *физ., хим*. Усули таҳлили электрохимиявӣ, ки ба чен кардани миқдори электри барои ҷудо кардани *электроди* ин ё он модда сарфшаванда асос ёфтааст.

**КУЛУА́Р,** [фр. couloirs]. **1**. *геогр*. Дараи танг. **2**. *маҷ*. Ҳуҷра ё толори алоҳида барои истироҳат ва вохӯриҳои ғайрирасмӣ дар парламентҳо, вазоратҳо, ташкилотҳои байналмилалӣ, театрҳо ва ғ.

**КУЛБИ́Т (КУЛЬБИ́Т),** [фр. culbite]. Дар *акробатика* ва сирк – муаллақзанӣ ба пеш, ба қафо, ба чап ё рост.

**КУ́ЛМАН (КУ́ЛЬМАН),** [ол. Kulman]. Асбоби нақшакашӣ, ки аз тахта, *пантограф* ва чорғча иборат аст.

**КУЛМИНА́ТСИЯ (КУЛЬМИНА́ЦИЯ),** [< лот. culmen қулла]. **1**. *астр*. Лаҳзаи гузаштани ситора аз хати тӯли осмон. **2**. *адш., санъ*. Дар асари адабиёт ва санъат – нуқтаи олии инкишофи сюжет, лаҳзаи ҳалкунанда дар муносибат ё бархӯрди қаҳрамонони асар. **3**. Авҷи аъло; баландтарин нуқтаи инкишофи ягон воқеа.

**КУЛТ (КУЛЬТ),** [< лот. cultus парастиш]. **1**. Кеш; маҷмуи расму оини динӣ, ибодат ва парастиш. **2**. Ягон кас ё ягон чизро кӯркӯрона таърифу тавсиф ва ситоишу парастиш кардан.

**КУЛТИВА́ТОР (КУЛЬТИВА́ТОР),** [фр. cultivateur]. Олати кишоварзӣ барои нарм кардани замин ва нест кардани алафҳои бегона.

**КУЛТИВА́ТСИЯ (КУЛЬТИВА́ЦИЯ),** [фр. cultivation]. Бо *култиватор* нарм кардани замин ва нест кардани алафҳои бегона.

**КУЛТУРИ́ЗМ (КУЛЬТУРИ́ЗМ),** [англ. culturism]. *варз.* Мушакварзӣ; системаи машқҳои гимнастикӣ бо сангҳо барои инкишофи мутаносиби мушакҳои бадан; *бодибилдинг* низ гӯянд. || Мқс. атлетизм.

**КУЛТУРТРЕ́ГЕР (КУЛЬТУРТРЕ́ГЕР),** [ол. kulturtreger]. Номи истеҳзоомези шахсе, ки зӯран маданияту маърифатро ҷорӣ карданӣ мешавад.

**КУМАРИ́Н,** [фр. coumarine]. *хим.* Пайвасти органикии гетеросиклӣ, моддаи кристаллии беранг, ки бӯи хас мекунад; дар саноати атторӣ, собунпазӣ ва истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ ба кор меравад.

**КУМИТА́,** [< лот. committo супориш медиҳам]. Ниг. *комитет.*

**КУМУЛЯТИВӢ,** [< лот. cumulo ғун кардан]. Ғункардашуда, ҷамъшуда, андӯхташуда; ҷ а з о и К . – ҷазо барои якчанд ҷиноят.

**КУМУЛЯ́ТСИЯ (КУМУЛЯ́ЦИЯ),** [< лот. cumulo ғун кардан]. **1**. *мол.* Дар соҳаи суғурта – дар як ҷо (мас., дар як анбор, дар як киштӣ) ҷамъ шудани объектҳои суғурташуда. **2**. *тиб.* Дар организм ҷамъ шудани баъзе доруҳои дер ҳалшаванда ё дер хориҷшаванда, ки баъзан боиси заҳролудшавӣ мегардад. **3**. *тех.* Таҷаммуи энергияи таркиш дар як самт.

**КУ́НА,** [хорв.]. Воҳиди пули Хорватия.

**КУНИА́Л (КУНИА́ЛЬ),** [< *купрум* + *никел* + *алюминий*]. Хӯлаи мис, никел ва алюминий, ки ниҳоят сахту бадошт аст; ба гармию сардӣ ва обҳои ширину шӯр тобовар мебошад.

**КУНСТКА́МЕРА,** [ол. Kunstkammer]. Дар гузашта – ҷамъи ашёи атиқ, аҷиб ва нодир, инчунин биное, ки дар он ин чизҳо нигоҳ дошта мешаванд. || Мқс. музей.

**КУПА́Ж,** [фр. coupage]. **1**. Омехта кардани майҳои гуногун барои беҳтар кардани лаззату бӯи он. **2**. Буридани думу гӯшҳои сагча.

**КУПЕ́,** [фр. coupe]. Ҳуҷраи дарҳояш маҳкамшаванда дар вагони мусофиркаш.

**КУПИДО́Н,** [лот. Cupido]. **1**. Дар асотири римиёни қадим – олиҳаи ишқу муҳаббат, ки дар шакли кӯдаки қанотдор ва тиру камон дар даст тасвир мешавад; Амур низ гӯянд; дар асотири юнониёни қадим – Эрот (Эрос). **2**. *маҷ.* Писарбачаи зебо.

**КУПО́Н,** [фр. coupon]. **1**. Он қисми коғази қиматнок, ки бурида медиҳанд ва пулашро мегиранд. **2**. Чипта (*билет*) барои ба театр даромадани як кас. **3**. Як либосвор матоъ.

**КУПОРО́С,** [< лот. Cuprum мис]. Номи баъзе намакҳои кислотаи сулфат; К . - и м и с – даҳани фаранг; К . - и о ҳ а н – зок.

**КУПРИ́Т,** [< лот. Cuprum мис]. Минерали сурхи мис; минерале, ки аз оксидшавии минералҳои сулфиди мис ҳосил мешавад.

**КУ́ПРУМ,** [< лот. Cuprum]. Номи химиявии мис.

**КУПФЕРШТЕ́ЙН,** [ол. Kupferstein]. *хим.* Хӯлаи оҳани сулфурдор ва миси сулфурдор.

**КУПЮ́РА[1],** [фр. coupure]. Пули коғазӣ ё коғази қиматноке, ки дар он арзишаш навишта шудааст. || Мқс. банкнот.

**КУПЮ́РА[2],** [фр. coupure]. Ихтисор кардани матни асар.

**КУРА́НТ,** [фр. courant даванда, ҷоришаванда]. Соати калони зангдор ё мусиқидори бурҷ, манора ё девори хона.

**КУРА́РЕ,** [< ҳинд. Ам.]. Заҳри сахттаъсире, ки аз чилибухи ва дигар растаниҳои Амрикои Ҷанубӣ ҳосил мекунанд; ҳиндуёни Амрикои Ҷанубӣ дар гузашта К.-ро барои заҳролуд кардани тири камонҳо истифода мебурданд, ҳоло онро дар тиб ба кор мебаранд.

**КУРА́ТОР,** [лот. curator парастор]. **1**. Нозир; шахсе, ки ба рафти ягон кор, фаъолият назорат мекунад. **2**. Донишҷӯи мактаби олии тиббӣ, ки дар беморхона ба ҳолати бемор назорат мекунад. **3**. Дар баъзе муассисаҳои таълимӣ – муаллим, мураббие, ки ба рафтору хониши талабагон назорат мекунад.

**КУРБЕ́Т,** [фр. courbette]. **1**. Ҷаҳиши асп дар ҳоле, ки ду пои пешаш аз зону қат бошад. **2**. Муаллақзании акробатӣ аз пойҳо ба даст ва баръакс. || Мқс. кулбит. **3**. *маҷ*. Рафтори аҷиб, ғайримуқаррарӣ, ҳайратовар.

**КУРВИ́МЕТР,** [< лот. curvus хати каҷ + …*метр*]. *геод.* Асбоб барои чен кардани дарозии хатҳои каҷ дар харита ё нақшаи маҳал.

**КУРЁЗ (КУРЬЁЗ),** [< фр. curieux]. Ҳодисаи аҷиби хандаовар.

**КУРЗА́Л,** [ол. Kursaal]. Толори консерт ё маҷлис дар *курорт*.

**КУРИА́ЛҲО,** [лот. curialis]. Дар империяи Рим – узви шӯрои шаҳрӣ (*курия*), ки аз байни табақаҳои имтиёзноки аҳолӣ интихоб карда мешуд.

**КУ́РИЯ,** [лот. curia]. *таър*. **1**. Дар Рими Қадим – воҳиди ҷамъиятию маъмурӣ; ҳамаи шаҳрвандон ба 30 курия тақсим шуда буданд. **2**. Биное, ки дар он сенати Рими Қадим ҷамъ мешуд. **3**. Маҷмуи идораҳои марказии ҳокимияти папа (ҳоло ҳам вуҷуд дорад). **4**. Дар баъзе мамлакатҳо (мас., дар Россияи подшоҳӣ) – дараҷаи интихобкунандагон аз рӯи мансубияти миллӣ, табақавӣ, динӣ ва сарватмандиашон.

**КУРЙЕ́Р (КУРЬЕ́Р),** [фр. courrier]. Қосид, чопар, хаткашон, номабар.

**КУРО́РТ,** [ол. Kurort < Kur муолиҷа + ort ҷой]. Маҳале, ки воситаҳои табии муолиҷавӣ (иқлими созгор, чашмаҳои минералӣ, гили шифобахш) ва муассисаҳои табобатию истироҳатӣ дорад.

**КУРОРТОЛО́ГИЯ,** [< *курорт* + *…логия*]. *тиб*. Илм дар бораи омилҳои муолиҷавии табиат ва усулҳои истифодаи онҳо барои табобат ва пешгирии бемориҳо.

**КУРС [1],** [лот. cursus роҳ, маҷро]. **1**. Роҳ; самти ҳаракат (мас., К.-и ҳавопаймо, киштӣ ва ғ.). **2**. *маҷ*. Самти сиёсат, иқтисод, фаъолияти ҷамъиятӣ. **3**. *мол*. Қурб; нархе, ки бо он коғазҳои қиматнок, асъор фурӯхта ё харида мешаванд, мас. К.-и доллар.

**КУРС [2],** [лот. cursus роҳ, маҷро]. **1**. Давраи таҳсили яксола дар мактабҳои олӣ ва миёнаи махсус (мас., К.-и якум). **2**. Тафсир ва баёни як фан ё як қисми он (мас., К.-и мухтасари таърихи дунёи қадим). **3**. Даври муолиҷа; ҷамъи тадбирҳои муолиҷаи ягон бемории (мас., К.-и табобат бо гиёҳҳои шифобахш).

**КУРСА́НТ,** [< *курс* [2] + пасв. -ант]. Донишҷӯи мактаби олии ҳарбӣ.

**КУРСИ́В,** [< лот. cursio давидан]. Ҳуруфи моил ба тарафи рост (одатан ба 15˚).

**КУРСО́ГРАФ,** [< *курс* [1] + *…граф*]. Асбоб барои дар навор (*лента*) сабт намудани самти ҳаракати (*курси*) киштӣ.

**КУРСО́Р,** [англ. cursor нишондиҳанда]. *инф*. Аломати махсуси ҳаракаткунанда дар монитори компютер, ки нуқтаи кории экранро нишон медиҳад.

**КУ́РТАГ,** [ол. Kurtag]. Бор; қабул, инчунин рӯзи қабул дар хонаи подшоҳ.

**КУРТА́Ж,** [фр. courtage]. Ширинкома; даллолона; ҳаққи даллолӣ; мукофотпулӣ ба даллол (*маклер*) барои миёнаравиаш дар хариду фурӯш.

**КУРТИЗА́НКА,** [фр. courtisane]. Зани сабукпое, ки дар миёни аъёну ашроф чарх мезанад.

**КУРТИ́НА,** [фр. courtine]. **1**. Палчаи гул; гулбоғча. **2**. Дарахтзори дарахтонаш якхела. **3**. *ҳарб., таър*. Девори байни ду истеҳкоми (*бастиони*) қалъа.

**КУ́РТКА,** [< лот. curtus кӯтоҳ]. Як навъ либоси кӯтоҳи камзӯлмонанди одатан мардона.

**КУРТУАЗӢ,** [фр. courtois]. Адабиёти куртуазӣ – адабиёти баҳодурии (*ритсарии*) дарборӣ дар Аврупои асрҳои миёна.

**КУРЧА́ТОВИЙ,** [аз номи физики шӯравӣ И. В. Курчатов]. *хим*. Элементи химиявии радиоактивии сунъӣ; рамзаш Ku.

**КУТИ́Н,** [< лот. cutin парда, пӯст]. Моддаи муммонанде, ки аз*эпидермиси* баргҳои растанӣ ҷудо мешавад; К. барои нигоҳ доштани намӣ дар баргҳо хизмат мекунад.

**КУ́ТТЕР,** [< англ. cut буридан]. **1**. Киштии яксутунаи бодбонҳояш уреб. || Мқс. бриг, бригантина. **2**. Дар корхонаҳои ҳасиббарорӣ – мошине, ки гӯштро қима карда, бо иловаҳои дигар омехта менамояд.

**КУТЮРЙЕ́ (КУТЮРЬЕ́),** [фр. couturiere < couture дӯхтан]. Рассом-амсиласози либосҳои мӯд (*моделйер*).

**КУХМИ́СТЕР,** [ол. Kuchenmeister]. **1**. Ошпази ҳунарманд. **2**. Соҳиби тарабхонаи хурд ё ошхона.

**КУ́ЧЕР,** [ол. Kutscher]. Аробакаш; фойтунчӣ.

**КУШ,** [фр. couche < coucher мондан]. *гуфт*. **1**. Пули қимор (одатан пули бурд). **2**. Пули калон.

**КУШЕ́ТКА,** [фр. couchette]. Дивани на чандон калон, ки пуштмонак ва оринҷмонак надорад.

**КША́ТРИЯ**, [санск.]. Дар Ҳиндустони Қадим – *варнаи* (табақаи) дуюм аз чаҳор варна, ки ба он роҳбарони давлат, мансабдорони калон, сарлашкарон дохил мешуданд.

**КЭБ,** [англ. cab]. Фойтуни якаспа дар Англияи солҳои пеш; ҳоло – такси.

**КЭТ,** [англ. cat]. Киштии якбодбона.

**КЭШ, КЕШ,** [англ. cache]. *инф*. Хотираи буферӣ дар компютер, ки бо микронақшаҳои махсус сохта мешавад; ба К. ҳар гуна маълумоту амрҳо ҳамл карда мешаванд (барои иҷро).

**КЭШБЭК,** [англ. cash back < cash пули накд + back баргардондан]. *тиҷ*. Дар фаъолияти бонкӣ ва савдо – ба харидор баргардондани як қисми пули барои харид сарфкардааш бо роҳи гузарондани фоизи муайян ба суратҳисоби ӯ ё додани холҳо (*баллҳо, пунктҳо*), ки онҳоро ҳангоми харидҳои оянда истифода кардан мумкин аст.

**КЮВЕ́Т,** [фр. cuvette тағора, тос]. **1**. Ҷӯйи ду тарафи роҳ. **2**. Ҷӯйи пуроби пеши девори қалъа.

**КЮВЕ́ТА, КЮВЕ́ТКА,** [фр. cuvette тағора]. Тағорачаи чоркунҷа барои падидоварӣ ва шустани навору суратҳои фотографӣ.

**КЮРЕ́,** [фр. cure]. **1**. Кашиши католикии маҳалла дар Фаронса ва Белгия. **2**. Як навъ ноки дерпази нордон, ки ватанаш Фаронса аст.

**КЮРИ́,** [фр. Curie (аз номи олимони Фаронса П. ва М. Кюри)]. *физ*. Воҳиди радиоактивнокӣ.

**КЮ́РИЙ,** [фр. Curie (аз номи олимони Фаронса П. ва М. Кюри)]. *хим.* Металли нуқратоби радиоактивии гурӯҳи III системаи даврӣ аз оилаи актиноидҳо.

**КЮРИТЕРАПИ́Я,** [< *кюри* + *терапия*]. *тиб.* Муолиҷа бо нурҳои радиоактивии *радий.*

# Қ

**ҚАЙСА́Р,** [< юн. kaisar < лот. Caesar Сезар]. Номи қадимии императорҳои Рим.

**ҚАНДИ́Л,** [юн. kandilion]. **1**. Чилчароғ; шамъдони калони иборат аз якчанд шамъ; чароғи овезони дорои чандин фурӯзонаки барқӣ. **2**. *мач*. Қ.-и чарх – моҳтоб.

**ҚАНТА́Р,** [< ар.]. Воҳиди вазн дар мамлакатҳои назди Баҳри Миёназамин; дар ҳар мамлакат ҳар хел аст (аз 45 то 320 кг).

**ҚАҲВА́,** [< англ. cofee < ар. қаҳва < лот. coffea]. **1**. *бот*. Дарахти Қ. – ҷинси дарахти ҳамешасабз, ки ватанаш Африқост; ба хотири тухмаш, ки миқдори зиёди *кофеин* дорад, парвариш мекунанд. **2**. Тухми ҳамин дарахт, ки дар таркибаш кофеин, қанд, моддаҳои минералӣ ва азотӣ дорад. **3**. Нӯшокие, ки аз тухми кӯфташудаи дарахти Қ. тайёр карда мешавад.

**ҚАРОИ́МҲО,** [яҳ. қад.]. Ниг. *караимҳо*.

**ҚИР,** [< юн. қад.]. **1**. Қатрони кӯҳӣ; моддаи равғанмонанди сиёҳ ва часпак, ки аз нафт ҳосил мешавад; дар сохтмони роҳу иморатҳо, истеҳсоли *рубероид, пластмасса*, лок ва ғ. истифода мебаранд. || Мқс. битум, гудрон. **2**. *мач*. Ранги сиёҳ.

**ҚИРМИЗӢ**, [*ҳинд*.]. Ранги сурхи баланд, ки замонҳои пеш рангсозон онро аз як навъ кирми сурх тайёр мекарданд.

**ҚОНУ́Н,** [юн. kanon]. **1**. Низом, тартиб, қоида, дастур. **2**. Қ.-и динӣ – аҳком, расму оин ва тартибу қоидаи дар ин ё он ибодатгоҳ қабулшуда. **3**. Муноҷоти динӣ. **4**. *мус*. Мусиқии бисёровозӣ дар *хор*, ки ба тақлид ва такрори овози якдигар асос ёфтааст. **5**. Як навъ асбоби мусиқии тордор, ки дар Шарқи Наздик, Шарқи Миёна ва Арманистон маъмул аст.

**ҚУЛА́НҶ, ҚУЛИ́НҶ,** [< юн. kolike беморӣ, дард]. *тиб*. Хала; дарди шадиде, ки дар рӯда ё дигар узвҳои даруни шикам рӯй медиҳад. || Мқс. колика.

# Л

**ЛАБАРДА́Н,** [фр. laberdan]. *зоол.* Равғанмоҳии (*трескаи*) беустухони намак зада хушконидашуда.

**ЛАБИАЛИЗА́ТСИЯ (ЛАБИАЛИЗА́ЦИЯ),** [< лот. labialis лабӣ]. *збш.* Дар талаффузи баъзе овозҳо (мас., овозҳои «о», «у») гирда шуда ба пеш баромадани лабҳо. || Мқс. веляризатсия.

**ЛАБИАЛӢ,** [< лот. labialis лабӣ]. **1**. *збш.* Овозҳои лабиалӣ – ҳамсадоҳои лабӣ, мас., «п», «м». **2**. *тиб.* Мансуб ба лаб (мас., анатомия, бемории ё нуқсонҳои лаб).

**ЛАБИЛӢ,** [< лот. labialis лабӣ]. Ноустувор, бесубот, тағйирёбанда.

**ЛАБИОВЕ́РСИЯ**, [лот. labioversia]. *тиб.* Ба ҷониби лабҳо майл кардани дандонҳо.

**ЛАБИОДЕНТАЛӢ,** [< лот. labium лаб + dens дандон]. *збш.* Овозҳои лабиоденталӣ – ҳамсадоҳои лаби-дандонӣ, мас., «в», «ф».

**ЛАБИОЛЕКСИ́Я,** [< лот. labium лаб + *лексика*]. Гапро аз ҳаракати лабҳо фаҳмидани одамони кар.

**ЛАБИОМИКО́З,** [< лот. labium лаб + mycos занбӯруғ]. *тиб.* Бемории занбӯруғии лабҳо.

**ЛАБИОХОРЕ́Я**, [лот. labiochorea]. *тиб.* Доимо парида истодани лабҳо бар асари баъзе бемориҳо.

**ЛАБИРИ́НТ,** [< юн. labyrithos]. **1**. Дар Юнони Қадим ва Миср – бино ё боғи роҳравҳояш тангу печ дар печ, ки аз он роҳи баромадро ёфтан хеле душвор аст. **2**. *анат.* Л.-ҳои пардадор – дар ҳайвонҳои мухрадор ва одам – қисми асосии узви сомеа ва идоракунандаи ҳолат ва ҳаракати бадан дар фазо, ки онро гӯши дарунӣ ҳам меноманд.

**ЛАБИРИНТИ́Т,** [< юн. labyrithos]. *тиб.* Варами гӯши дарунӣ, ки боиси ихтилоли мувозанат ва карӣ шуда метавонад.

**ЛАБИРИ́НТИҲО,** [< юн. labyrithos]. *зоол.* Навъи моҳиҳои тропикӣ аз оилаи аломоҳиҳо, ки дар обҳои ширин ва нимшӯр зиндагӣ мекунанд (такр. 40 намуд).

**ЛАБИРИНТОДО́НТ,** [< юн. labyrithos + odonthos дандон]. *пал.* Сусмори замонҳои қадим, ки дандонҳояш печ дар печ буданд ва номаш аз ҳамин ҷост.

**ЛАБИРИНТО́З,** [лот. labirithosis]. *тиб.* Бемории дистрофии *лабиринти* гӯш.

**ЛАБОРА́НТ,** [< лот. laborans коркунанда]. Ходими илмӣ ё техникии озмоишгоҳ (*лаборатория*).

**ЛАБОРАТО́РИЯ,** [< лот. laboratorium]. Озмоишгоҳ; муассисаи алоҳида ё шуъбаи муассиса, ки дар он ҳар гуна озмоиш, таҳлил, таҷриба ва тадқиқоти илмӣ гузаронда мешавад.

**ЛАБРАДОР¹**, [фр. labrador – аз номи Лабрадор ном нимҷазира дар Канада]. *маъд.* Минерал аз гурӯҳи *плагиоклазҳо*, алюмосиликати натрий ва калсий.

**ЛАБРАДОР²**, [фр. labrador – аз номи Лабрадор ном нимҷазира дар Канада]. Зоти сагҳои калонҷуссаи бӯйгир.

**ЛАБРАДОРИ́Т**, [< *лабрадор*]. *маъд.* Ҷинси кӯҳие, ки аз тафта (*магма*) ҳосил шуда, асосан аз *лабрадор* иборат аст; дар тайёр кардани асбобу анҷоми зинат, ороиши ҳайкалу муҷассамаҳо ва деворҳои иморат истифода мешавад.

**ЛА́ВА¹,** [< ит. lavare шуста бурдан]. **1**. *геол.* Гудоза; моддаҳои гудохташудае, ки аз вулқон ҷорӣ шуда, баъди сарду сахт шудан ба ҷинсҳои вулқонӣ табдил меёбанд. **2**. *маҷ.* Ҷараёни пурзӯру шадиди ягон чиз, ҳодиса, раванд.

**ЛА́ВА²,** [< ит. lavare шуста бурдан]. *ҳарб.* Тартиби барои ҳамла саф кашидани лашкари савора, ки ҳангоми он ҳамлакунандагон ба чапу рост (майманаву майсара) ва ақибгоҳи душман ҳуҷум мееоранд.

**ЛА́ВА³,** [< ит. lavare шуста бурдан]. Пулчаи борик.

**ЛА́ВА⁴,** [< ит. lavare шуста бурдан]. Кони дарозу чуқури канданиҳои фоиданок.

**ЛАВА́НДА,** [ит. lavanda]. *бот.* Растании буттагии ҳамешасабз, ки гулҳои кабуди хушбӯй дорад; равғани гулҳояшро дар атторӣ истифода мебаранд.

**ЛАВА́Ш**, [озар.]. Як навъ нони тунук, ки ба чапотии тоҷикӣ монанд аст.

**ЛАВЕ́РНА**, [лот. Laverna]. Дар асотири Римиёни Қадим – олиҳаи сарват, ҳомии дуздону қаллобон.

**ЛАВИ́НА**, [лот. labina]. Тарма; ярч.

**ЛАВИ́С**, [фр. lavis]. Яке аз усулҳои ҳаккокӣ; кашидани сурат дар рӯи лавҳаи мисин бо мӯйқаламӣ ба кислота таркардашуда ва бо ранг пур кардани ҷойҳои сӯхтаи он.

**ЛАВР,** [лот. laurus]. *бот.* Ғор; дарахти ҳамешасабзе, ки дар мамлакатҳои назди баҳри Миёназамин мерӯяд; баргҳои хушбӯй дорад; дар Юнон ва Рими қадим чанбари Л. рамзи ғалаба, шаъну шуҳрат ва комёбиҳои калон дар адабиёт, санъат ва суханварӣ буд (калимаи «*лауреат*» аз ҳамин аст).

**ЛА́ВРА,** [лот. laura]. Дайри калони мардонаи православӣ.

**ЛАВРА́ЗИЯ,** [< лот. Lavrentum + Азия (Осиё)]. Аз рӯи баъзе фарзияҳо – қитъае, ки дар миёнаҳои давраи *палеозой* дар Нимкураи Шимолӣ вуҷуд дошт; дар миёнаҳои мезозой Л. ба ду қисм – Амрикои Шимолӣ ва Авруосиё ҷудо шуд.

**ЛАВСА́Н,** [аз сарҳарфи калимаҳои русии «лаборатория высокомолекулярных соединений Академии наук»]. Номи тиҷоратии нахи полиэфирӣ, ки дар СССР истеҳсол карда мешуд; Л. дар мамлакатҳои диг. бо номҳои гуногун маълум аст: терилен (Британия), дакрон (ИМА), диолен (Олмон) ва ғ.

**ЛАВСО́НИЯ,** [лот. lavsonia]. *бот.* Як навъ буттаи тропикӣ, ки аз баргҳояш ранг, ҳино ва равғани эфир ҳосил мекунанд.

**ЛАГ[1],** [ҳол., англ. log]. **1**. Асбоб барои чен кардани суръати киштӣ ва роҳи тайкардаи он. || Мқс. спидометр. **2**. Танаи киштӣ ҳангоми муайян кардани мавқеи он нисбати мавҷ ё киштии дигар.

**ЛАГ[2],** [англ. lag дер кардан]. Фосилаи вақт дар байни ду ҳодиса, раванд, мас., Л.-и байни маблағгузорӣ ва гирифтани фоида.

**ЛАГАГНО́ЗИЯ,** [лот. lagagnosia]. *тиб.* Сухани гуфташуда ё навишташударо фаҳмида натавонистан.

**ЛАГЕНА́РИЯ,** [юн. қад.]. *бот.* Як навъ растании тропикӣ аз оилаи кадуҳо; аз меваи кадушаклаш зарф ва асбобҳои мусиқӣ тайёр мекунанд.

**ЛА́ГЕР (ЛА́ГЕРЬ),** [ол. Lager]. **1**. Қароргоҳи муваққатии иборат аз хаймаҳо, одатан дар зери осмони кушод, мас., Л.-и ҳарбӣ, Л.-и гурезаҳо. **2**. Қароргоҳи муваққатие, ки дар он ҷо одамон барои истироҳат ё гузарондани машғулияту чорабиниҳои муайян ҷамъ мешаванд, мас., Л.-и сайёҳон, Л.-и варзишӣ, Л.-и пионерӣ. **3**. Ҷое, ки дар он маҳбусон нигоҳ дошта мешаванд (ниг. концлагер). **4**. *маҷ.* Гурӯҳ ё ҷараёни сиёсию ҷамъиятӣ, мас., Л.-и сулҳ ва демократия.

**ЛАГОФТА́ЛМ (ЛАГОФТА́ЛЬМ),** [лот. lagophthalmus]. *тиб.* Чашми харгӯш; тамоман пӯшида нашудан ё қисман пӯшида шудани чашм дар натиҷаи фалаҷи мушаки ҳалқашакли пилкҳо.

**ЛА́ГТИНГ,** [нор. lagting]. Палатаи болоии парламенти Норвегия.

**ЛАГУ́НА,** [ит. laguna]. **1**. Халиҷе, ки аз баҳр бо димоғаи регӣ ҷудо шудааст. **2**. Кӯли дохилии ҷазираҳои марҷонӣ.

**ЛА́ДАН,** [юн. ladan]. Бухур; шилми хушбӯй, ки дар маросимҳои динӣ дуд мекунанд.

**ЛАДИ́НО,** [исп. ladino]. **1**. Дунажодаҳои (дурагаҳои) испанию ҳиндуӣ дар Амрикои Лотинӣ. **2**. Лаҳҷаи кастилии заб. испанӣ дар асрҳои миёна; дар таркиби Л. калимаҳои яҳудии қадим бисёранд.

**ЛАЖ,** [ит. l' ggio]. *мол.* Боло рафтани нархи бозории тилло, қурби асъол, векселҳо ва диг. коғазҳои қиматнок нисбат ба арзиши исмии (номиналии) онҳо; *ажио* низ гӯянд.

**ЛАЗАРЕ́Т,** [фр. lazaret]. Муассисаи тиббии хурд дар қисми ҳарбӣ.

**ЛА́ЗЕР,** [англ. laser – кӯтоҳшудаи light amplification by stimulated emission of radiation пурзӯр кардани рӯшноӣ бо ёрии шуоъафкании маҷбурӣ]. Генератори квантии оптикӣ

– манбаи рӯшноии хеле борик ва пуриқтидори монохроматӣ; дар тадқиқотҳои илмӣ, тиб, техника ва ғ. истифода мешавад. || Мқс. мазер.

**ЛАЗУ́Р (ЛАЗУ́РЬ),** [лот. lazurium < форс. лоҷвард]. Ранги лоҷвардӣ, ранги кабуд.

**ЛАЗУРИ́Т,** [< *лазур*]. *маъд.* Лоҷвард; минерали нодири кабуд, баъзан сабзтоб, алюмосиликати натрий ва калсий; дар таркибаш сулфур ва хлор дорад; санги пурқимати ороишӣ ба шумор меравад.

**ЛА́ЙБА,** [фин. laiva]. Завраќи калони дусутунаи бодбонҳояш уреб.

**ЛАЙК, ЛА́ЙКИНГ**, [англ. like]. Писандидан, маъқул донистани сурат, матн, маводи видеоӣ ё аудиоии дар Интернет нашршуда бо зер кардани навиштаи "like" ("маъқул") ё сурати ангушти калони ба боло бардошташуда ва ё бо зер кардани аломатҳои диг.

**ЛА́ЙКРА**, [англ. lycra]. Нахи чандире, ки аз каучуки табиӣ тайёр мекунанд, инчунин матои аз ҳамин нах бофташуда.

**ЛА́ЙНЕР,** [англ. liner]. **1**. Киштии калони тезгарди мусофиркаш. **2**. Ҳавопаймои тезпарвози мусофиркаш.

**ЛА́ЙНСМЕН,** [англ. linesman]. Довари канорӣ дар футбол.

**ЛАЙТ-ЛИ́ФТИНГ**, [англ. light lifting]. Дар косметология – боло кашидани пӯсти зери манаҳ бо роҳи ҷарроҳӣ.

**ЛАЙТ-ПО́СТЕР**, [англ. light poster]. Лавҳаи нурфишони рекламавӣ.

**ЛАЙФ-КО́УЧ**, [англ. life coach]. Ниг. *коуч.*

**ЛАЙФ-ХАК**, [англ. life hack]. Ниг. *лайф-хакинг.*

**ЛАЙФ-ХА́КИНГ**, [англ. life hacking]. Маҷмуи усулҳо, стратегияҳо, маслиҳату машваратҳои муфид ва ғайристандартӣ барои самараноктар истифода кардани вақт, осонтар гардондани ҳалли мушкилоти зиндагӣ, зудтар расидан ба мақсади гузошташуда.

**ЛАК[1],** [санск.]. Воҳиди ҳисоб дар баъзе мамлакатҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ; ба 100 ҳазор баробар аст.

**ЛАК[2],** [ит. lacca < санск.]. Лок; маҳлули қатрон дар спирт, *скипидар* ё равған; бо мақсади ҷилодор кардан ба рӯи мебел, пойафзол ва ғ. мемоланд.

**ЛА́КМУС,** [ҳол. lakmoes]. *хим.* Ранги кабуди бунафштоб, ки аз растанӣ ҳосил мешавад; аз Л. коғази лакмусӣ тайёр карда, ҳамчун *индикатори* химиявӣ истифода мебаранд; коғази лакмусӣ аз таъсири кислота сурх ва аз таъсири ишқор кабуд мешавад.

**ЛАКОНИ́ЗМ,** [< юн. lakonismos аз номи вилояти Лаконияи Юнон, ки мардумаш бо камгапӣ ном баровардааст]. Муҷазбаёнӣ; нутқи кӯтоҳ, саҳеҳ ва пурмаъно.

**ЛАКО́НИК,** [лот. laconicum]. Дар аҳди атиқа ҳуҷраи гармоба, ки дар мобайнаш як ҳавзи калон ва як ҳавзи хурд дошт.

**ЛАКРИМА́ТОРҲО,** [< лот. lakrima ашк]. Як гурӯҳ моддаҳои заҳрноки ашковар.

**ЛАКРИМО́ЗА,** [< лот. lakrimosis ғамангез]. *мус*. Қисми асари мусиқии мотамӣ барои хор ва оркестр. || Мкс. реквием.

**ЛАКРИ́ТСА (ЛАКРИ́ЦА),** [< юн. glykyrriza решаи ширин]. *бот*. Ширинбия; дар тиб, саноати қаннодӣ ва пивопазӣ истифода мешавад.

**ЛАКТ..., ЛАКТО...,** [лот. lac (lactis)]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки ба шир нисбат доштанро ифода мекунад, мас., лактатсия.

**ЛАКТА́ЗА,** [лот. lactasa]. Ферменте, ки лактоза (қанди шир)-ро ба *галактоза* ва *глюкоза* ҷудо мекунад.

**ЛАКТАЛА́ЗА,** [лот. lactalasa]. Ферменте, ки декстрозаро ба кислотаи шир мубаддал мекунад.

**ЛАКТАЛБУМИ́Н (ЛАКТАЛЬБУМИ́Н),** [лот. lactalbuminum]. Сафедаи шир.

**ЛАКТА́МҲО,** [< лот. lac (lactis) шир]. *хим*. Синфи пайвастҳои органикии силсилавӣ, ки дар таҷзияи органикӣ, мас., дар истеҳсоли *полиамидҳо* истифода мешаванд.

**ЛАКТА́РИЙ,** [< лот. lactare шир додан]. Муассисае, ки дар он шири занонро барои ба тфлони навзод хӯрондан ғун карда нигоҳ медоранд.

**ЛАКТАСИДЕМИ́Я (ЛАКТАЦИДЕМИ́Я),** [лот. lactacidaemia]. *хим., тиб.* Зиёдшавии кислотаи шир дар хун.

**ЛАКТАСИДУРИ́Я (ЛАКТАЦИДУРИ́Я),** [лот. lactaciduria]. *хим., тиб.* Зиёдшавии кислотаи шир дар пешоб.

**ЛАКТА́ТСИЯ (ЛАКТА́ЦИЯ),** [< лот. lactare шир додан]. Ҳосил шудани шир дар ғадудҳои шир ва давра ба давра ҷудо шудани он, ки ба ҳайвоноти ширхӯри модина ва занҳо хос аст; Л. баъди таваллуд кардан бо таъсири гормонҳо сар мешавад.

**ЛАКТЕМИ́Я,** [лот. lactaemia]. *тиб*. Дар хун вуҷуд доштани шир.

**ЛАКТИФУ́ГА,** [лот. lactifuga]. *тиб*. Моддаҳои камкунандаи ҷудошавии шир.

**ЛАКТО....,** [< лот. lac (lactis) шир]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки ба шир нисбат доштанро ифода мекунад, мас., лактоза, лактометр.

**ЛАКТОБАТСИ́ЛЛ (ЛАКТОБАЦИ́ЛЛ),** [< лот. lac (lactis) шир + *батсилл*]. *биол*. Як навъ бактерия, ки дар тайёр кардани ҷурғот ва дигар маҳсулоти турши ширӣ, инчунин кислотаи шир истифода мешавад.

**ЛАКТОБАТСИЛЛИ́Н (ЛАКТОБАЦИЛЛИ́Н),** [< лот. lac (lactis) шир + *батсиллҳо*]. **1**. *биол*. Занбурӯғчаи махсусе, ки ширро турш карда, ба он хусусияти шифобахш медиҳад. **2**. Ҷурғоте, ки бо ин занбурӯғча тайёр карда мешавад.

**ЛАКТОБИО́ЗА,** [< лот. lac (lactis) шир]. Ниг. *лактоза*.

**ЛАКТОБУТИРОМЕ́ТР,** [лот. lactobutyrometer]. Асбоб барои муайян кардани миқдори равғани шир.

**ЛАКТОГЕНЕ́З,** [лот. lactogenesis]. Ҷудошавии (ҳосилшавии) шир, тарашшуҳи шир.

**ЛАКТОГЛОБУЛИ́Н,** [лот. lactoglobulina]. Глобулини шир; баъзе Л.-ҳо аз хуни модар ба шир мегузаранд.

**ЛАКТОДЕНСИМЕ́ТР,** [лот. lactodensimeter]. Асбоб барои муайян кардани ғализӣ ва ҳарорати шир.

**ЛАКТО́ЗА,** [< лот. lac (lactis) шир]. *хим*. Қанди шир; *дисахарид*, моддаи сахти беранг, ки танҳо дар шири одам ва ҳайвонот вуҷуд дорад; аз боқимондаҳои *глюкоза* ва *галактоза* ҳосил мешавад. || Мқс. сахароза.

**ЛАКТО́МЕТР,** [< *лакто* + …*метр*]. Асбоб барои муайян кардани ғафсии шир; аз рӯи нишондоди Л. миқдори равғани ширро муайян мекунанд.

**ЛАКТО́НҲО,** [англ. lactone]. *хим*. Эфирҳои ҳалқамолекулаи кислотаҳои карбон; дар саноати дорусозӣ ва атторӣ ба кор меравтанд.

**ЛАКТОСКО́П,** [< *лакто* + …*скоп*]. Асбоб барои муайян кардани миқдори равғани шир аз рӯи шаффофии шир.

**ЛАКТОТЕРАПИ́Я,** [< *лакто* + *терапия*]. *тиб*. Муолиҷа бо ғизои ширӣ.

**ЛАКТОФЛАВИН,** [< *лакто* + flavus зард]. *хим*. Ниг. *рибофлавин*.

**ЛАКУ́НА¹,** [лот. lacuna чуқурӣ, ковокӣ]. *анат*. **1**. Фосилаи байни бофтаҳо ва узвҳо, ки бо *лимфа* пур шудааст. **2**. Чуқуричаҳои рӯи ягон узв.

**ЛАКУ́НА²,** [лот. lacuna чуқурӣ, ковокӣ]. *збш., адш.* **1**. Ҷои холӣ дар матн. **2**. Нуқсони матн.

**ЛА́КШМИ,** [ҳинд. қад. Фоли Нек]. Дар дини ҳиндуия – олиҳаи бахт ва зебоӣ.

**ЛАЛИАТРИ́Я,** [лот. laliatria]. *тиб*. Омӯхтан ва ислоҳ намудани нуқсонҳои нутқ. || Мқс. логопедия.

**ЛАЛЛА́ТСИЯ (ЛАЛЛА́ЦИЯ),** [лот. lallatio]. **1**. Нутқи кӯдакона; лелегӯӣ; талаффуз кардани ҳарфи «л» ба ҷои ҳарфи «р». **2**. *маҷ*. Нутқи нофаҳмо, гуфтори муғлақ.

**ЛАЛОПА́ТИЯ,** [лот. lalopathia]. *тиб*. Ихтилоли талаффуз; душвории талаффузи овозҳо.

**ЛАЛОПАТОЛО́ГИЯ,** [лот. lalopathologia]. Илм дар бораи ихтилол ва нуқсонҳои нутқ.

**ЛАЛОПЛЕГИ́Я,** [лот. lalopleiga]. *тиб*. Фалаҷи узвҳои нутқ.

**ЛАЛОРЕ́Я,** [лот. lalorrhoea]. Пургӯӣ, сергапӣ.

**ЛА́МА¹,** [шумер.]. Дар асотири шумерҳо ва аккадҳо – олиҳа ва нигаҳбони ҳар як одам.

**ЛА́МА²,** [тибет. Олӣ]. Роҳиби буддоӣ дар Тибет ва Муғулистон; далай-Лама – рӯҳонии олӣ дар *ламаизм.*

**ЛА́МА³,** [исп. lama]. Ҳайвони ҷуфтсум аз оилаи шутурҳо; қадаш то 155 см, вазнаш то 110 кг; бештар дар Америкои Ҷанубӣ вомехӯрад; дар Перу ва Боливия ҳайвони боркаш ва пашмдеҳ мебошад.

**ЛАМАИ́ЗМ,** [< тибет.]. Яке аз мазҳабҳои асосии буддоия, ки асри 7 дар Тибет пайдо шуда, асрҳои 16 – 18 дар Муғулистон, шимоли Хитой ва Россия (дар байни бурятҳо, қалмиқҳо ва тувагиҳо) паҳн гардидааст.

**ЛАМАНТИ́Н,** [фр. lamantin]. *зоол.* Гови баҳрӣ; ҳайвони ширхӯр аз оилаи хукҳои обӣ, дарозиаш то 4 м, вазнаш то 400 кг (3 намуд); дар соҳилҳои амрикоӣ ва африқоии уқёнуси Атлантик зиндагӣ мекунад.

**ЛАМАРКИ́ЗМ**, [фр. lamarckisme – аз номи табиатшиноси фаронсавӣ Ж. Б. Ламарк (Lamarck]. Нахустин назарияи илмӣ дар бораи инкишофи эволютсионии олами органикӣ, ки онро табиатшиноси фаронсавӣ Жан Ламарк (1744 – 1829) пешниҳод намудааст; мувофиқи ин таълимот, намудҳои ҳайвоноту растаниҳо пеш аз ҳама бо таъсири омилҳои муҳити берунӣ, яъне бо сабаби дигар шудани шароити зист доимо тағйир ва такмил меёбанд. || Мқс. дарвинизм, эволютсионизм.

**ЛАМБА́ДА,** [порт. lambada]. Рақси ҷуфти бразилӣ, ки бо усули экспрессивӣ (ифоданок) иҷро карда мешавад; ба Л. ҳаракатҳои шаҳвонии миён хос мебошад.

**ЛАМБЕОЗА́ВРҲО,** [лот. lambesaurinae]. *пал.* Зероилаи хазандаҳои мурдарафта аз оилаи *гадрозаврҳо* ё *динозаврҳои* мурғобибинӣ; дар давраи табошири сонӣ зиндагӣ кардаанд.

**ЛА́МБЕРТ,** [ол. Lambert – аз номи олими олмонӣ Иоҳанн Ламберт (1728 – 1777)]. *физ.* Воҳиди ғайрисистемавии дурахшонӣ, ки бештар дар Амрико ва Англия истифода мешавад; рамзаш Лб; 1 Лб ба 0, 318 стилб баробар аст.

**ЛАМБРЕКЕ́Н,** [фр. lambrequin]. **1**. Пардаи кӯтоҳи чин-чини болои дару тирезаҳо, инчунин болои саҳнаи театр. **2.** Кандакории болои дару тирезаҳо.

**ЛАМЕНТА́ТСИЯ (ЛАМЕНТА́ЦИЯ),** [ит. lamento шиква]. Шикоят, шиква, арзу дод.

**ЛАМЕ́НТО,** [ит. lamento шиква]. *мус*. Асари мусиқии (мас., *арияи*) пур аз дарду алам ва шиква.

**ЛА́МЕР,** [англ. lamer]. *жарг.* Шахси дар соҳаи компютер навкоре, ки худро аллакай мутахассиси ин соҳа мешуморад.

**ЛАМИНА́РИЯ,** [< лот. lamina тасма]. *бот.* Навъи обсабзҳои тасмашакли баҳрӣ, ки баъзеашон чун ғизои шифобахши парҳезии одамон истифода мешаванд.

**ЛАМИНА́ТОР,** [< лот. lamina тасма]. Дастгоҳ барои *ламинатсия* (ба маънои 1).

**ЛАМИНА́ТСИЯ (ЛАМИНА́ЦИЯ),** [< лот. lamina тасма]. **1**. Бо плёнкаи шаффоф рӯйкаш кардани муқоваи китоб, шаҳодатнома, варақҳои маҷалла ва ғ. бо мақсади

ҷилонок ва обногузар шудани онҳо. **2**. Раванди ташаккул ёфтани қабатҳо; сохти серқабат (қабат-қабат). **3**. *тиб.* Қабат-қабат бурида гирифтани сарчаи ҷанин (ҳангоми *эмбриотомия*).

**ЛАМИНИ́Т**, [лот. laminitis]. *тиб.* Газаки пулакчаҳои (лавҳачаҳои) камони муҳра.

**ЛАМИНЭКТОМИ́Я,** [лот. laminectomia]. *тиб.* Бурида гирифтани пулакчаи камони муҳра бо мақсади боз кардани канали ҳароммағз.

**ЛА́МПА,** [рус. лампа, ол., фр. lampe < лот. lampada < юн. қад. lampas машъал]. Чароғ; асбоби рӯшноидиҳанда, гармидиҳанда ё электротехникӣ, мас., Л.-и рӯимизӣ; Л.-и маҳтобӣ (люминесентӣ), Л.-и тафсониш, Л.-и неонӣ, Л.-и мавҷи давон, Л.-и аксулмавҷ. ва ғ.

**ЛАМПА́ДА,** [< лот. lampada < юн. қад. lampas (lampados) машъал]. Нӯкча; чароғи пилтагие, ки дар назди *иконаҳо* даргиронда мешавад.

**ЛАМПАДА́РИЙ,** [лот. lampadarius]. Дар аҳди атиқа – машъалбардор; чароғдор; ғуломи машъалбадасте, ки пеш-пеши хӯҷаини худ рафта, роҳи ӯро равшан мекард.

**ЛАМПА́С,** [фр. lampasse]. Зеҳи сурхи паҳлӯи шими ҳарбиён (генералҳо, марщалҳо).

**ЛАМПИО́Н,** [фр. lampion]. Фонуси рангаи шишагӣ ё коғазӣ барои чароғонӣ (*иллюминатсия*).

**ЛА́МПОЧКА,** [< рус. лампа, ол., фр. lampe < лот. lampada < юн. қад. lampas машъал]. Чароғча; лампача; фурӯзонак (одатан электрикӣ).

**ЛАМПРОФОНИ́Я,** [лот. lamprophonia]. Сареҳовозӣ; равшанию тозагии овоз.

**ЛАНГЕ́Т,** [фр. languette]. Як навъ таоме, ки аз пораҳои тунук ва дарозрӯя буридашудаи гӯшт иборат аст.

**ЛАНГУ́СТ,** [фр. languste]. *зоол.* Ҷонвари бемуҳра аз оилаи харчангҳои даҳпо, ки дар баҳрҳои гарм зиндагӣ мекунад; барои гӯшти болаззаташ шикор ё парвариш мекунанд. || Мқс. краб.

**ЛАНГУ́СТА,** [фр. languste]. *зоол.* Ниг. *лангуст*.

**ЛА́НГҲА́АР,** [ол. Langhaar < Lang дароз + haar пашм]. Ҷинси сагҳои дарозпашми бӯйгири олмонӣ.

**ЛАНДВЕ́Р**, [ол. Landwehr]. *таър.* **1**. Дар Пруссияи асри 19 – дастаҳои аскарони ихтиёрӣ, ки ба муқобили Наполеон мубориза мебурданд. **2**. Дар Олмон ва баъзе мамлакатҳои дигари Аврупо (дар охири асри 19 – аввали асри 20) – хизматчиёни ҳарбии захира, инчунин қисмҳои ҳарбие, ки аз ҳисоби онҳо ташкил меёфтанд.

**ЛАНДГРА́Ф,** [ол. Landgraf]. *таър.* Дар Олмони асрҳои миёна – унвони князҳои сарватманд, инчунин шахсе, ки чунин унвон дошт.

**ЛАНДО́,** [ол. Landau]. **1**. Як навъ аробаи чорҷоя, ки сақфашро кушодану пӯшидан мумкин аст. || Мқс. дилижанс, кабриолет, фойтун. **2**. Автомобили сабукраве, ки ба чунин ароба шабоҳат дорад, вале танҳо қисми ақиби сақфаш (болои нишастгоҳҳои ақибаш) кушода мешавад.

**ЛАНДРА́Т,** [ол. Landrat]. **1**. Сардори ҳокимияти маҳаллӣ дар Олмон. **2**. Мақоми қонунбарор дар баъзе вилоятҳои Швейтсария.

**ЛАНДСКНЕ́ХТ,** [ол. Landsknecht]. **1**. Сарбози кироя. **2**. *маҷ*. Коргари кироя, зархарид; шахсе, ки ба ивази музд тайёр аст, ҳама гуна корҳои хатарноку миёншиканро иҷро намояд.

**ЛА́НДСТИНГ,** [дан., шв. landsting]. **1**. *Палатаи* болоии парламенти Дания. **2**. Мақоми интихобии ҳокимияти маҳаллӣ дар баъзе мамлакатҳои Скандинавия.

**ЛАНДТА́Г**, [ол. Landtag]. **1**. Дар баъзе мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ – номи мақоми қонунбарори интихобӣ. **2**. Парламенти Лихтенштейн.

**ЛАНДША́ФТ,** [ол. Landschaft]. **1**. Намуди умумии маҳал. **2**. Тасвири маҳал дар санъати тасвирӣ. || Мқс. пейзаж. **3**. Л.-и географӣ – як қисми сатҳи замин, ки релйеф, иқлим, хок, олами ҳайвоноту набототи ба ҳамдигар мувофиқ дошта, системаи ягонаи табииро ташкил медиҳад.

**ЛАНДШТУ́РМ,** [ол. Landsturm]. *таър*. **1**. Сарбозони захира (дар запас қарордошта), ки дар мавридҳои зарур ба хизмати ҳарбӣ даъват карда мешаванд; Л. аввал дар Австрия, баъдтар дар мамлакатҳои дигари Аврупо пайдо шуд. **2**. Дар Олмон (то с. 1945) – хизматчиёни ҳарбии калонсол, инчунин қисмҳои ҳарбии ёрирасон.

**ЛАНОЛИ́Н,** [лот. lana пашм + oleum равған]. Муми ҳайвонӣ; равғане, ки ҳангоми шустани пашми гӯсфанд ҳосил мешавад; Л.-и нотоза дар саноати чармгарӣ, тоза кардашудааш – дар истеҳсоли марҳамҳои табобатӣ ва ҳар гуна *кремҳо* истифода мешавад.

**ЛАНТА́Н,** [< лот. lanthano пинҳон, ноаён]. *хим*. Элементи химиявии гурӯҳи III системаи даврӣ, рамзаш La; металли сафеди нуқрафом; дар истеҳсоли маснуоти сафолии ба гармӣ тобовар, шишаҳои оптикӣ, сир додани зарфҳо ва оина истифода мешавад.

**ЛАНТАНО́ИДҲО, ЛАНТАНИ́ДҲО,** [< *лантан*]. *хим*. Номи умумии 14 элементи химиявии гурӯҳи III системаи даврӣ, ки баъди *лантан* омада, аз ҷиҳати сохти атомҳо ва хусусиятҳои химиявиашон бо ҳам наздиканд; металлҳои камёб ба шумор мераванд; дар техникаи ядроӣ, лазерӣ ва соҳаҳои дигар истифода мешаванд.

**ЛАНТАНО́ТУС,** [лот. lanthanotus]. *зоол*. Сусмори бегӯш; хазанда аз оилаи сусморҳо; дар соҳили кӯлу дарёҳо зиндагӣ мекунад.

**ЛАНУ́ГО,** [лот. lanugo]. *физиол*. Мӯйҳои маҳини бадани ҷанини одаму ҳайвон.

**ЛАНЦЕ́Т (ЛАНСЕ́Т),** [< лот. lancea найза]. *хим*. Нештар; покучаи дудамаи ҷарроҳӣ барои ҳаҷомат, рагзанӣ, чок кардани пӯст ва баъзе амалиёти номураккаби ҷарроҳӣ.

**ЛАНЧ,** [англ. lunch]. Ниг. ленч.

**ЛАПАРО...,** [< юн. lapara шикам]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки ба шикам, батн робита доштанро ифода мекунад.

**ЛАПАРОГЕМОРРА́ГИЯ,** [юн. laparohaemorrhagia]. *тиб.* Хунравӣ дар даруни шикам.

**ЛАПАРОГИСТЕРОПЕКСИ́Я,** [юн. laparohysteropexia]. *тиб.* Ба девори шикам дӯхтани бачадон.

**ЛАПАРОКИЕЗИ́Я,** [юн. laparokyesia]. *тиб.* Ҳомилагии берунибачадонӣ.

**ЛАПАРОКЛИ́З,** [юн. laparoclysis]. *тиб.* Фиристодани доруи обакӣ ба даруни шикам.

**ЛАПАРОМЕТРИ́Я,** [юн. laparometria]. *тиб.* Чен кардани даруни шикам бо мақсади ташхис, муоина ё муолиҷа.

**ЛАПАРОМИОЗИ́Т,** [юн. laparomyositis]. *тиб.* Варами мушакҳои даруни шикам.

**ЛАПАРОСКОП,** [< юн. lapara шикам + skopeo мебинам]. *тиб.* Асбоб барои муоинаи даруни шикам. || Мқс. эндоскоп.

**ЛАПАРОСКОПИ́Я,** [< юн. lapara шикам + skopeo мебинам]. *тиб.* Муоинаи даруни шикам бо ёрии *лапароскоп.*

**ЛАПАРОТОМИ́Я,** [< юн. lapara шикам + *томия*]. *тиб.* Чок кардани шикам бо мақсади ташхис ё табобат беморӣ.

**ЛАПИДАРӢ,** [< лот. lapidarius дар санг ҳаккокишуда]. Нутқи лапидарӣ – нутқи сареҳу муҷаз.

**ЛА́ПТА,** [рус.]. Як навъ бозии халқии русӣ бо тӯб ва калтак.

**ЛА́ПТОП**, [англ. laptop < lap зонуи шахси нишаста]. *Ноутбук*; компютери хурду ихчами дорои дисплейи моеъкристаллӣ; баъзан ба сари зону гузошта истифода мебаранд ва номаш аз ҳамин ҷост.

**ЛАПША́,** [рус.]. Оши бурида; угро.

**ЛАРВИСИ́ДҲО (ЛАРВИЦИ́ДҲО),** [< лот. larva кирмак + caedere куштан]. *хим.* Доруҳои кирмаккуш; моддаҳои заҳрноке, ки барои нест кардани кирмаки ҳашарот истифода мешаванд.

**ЛА́РГО,** [< ит. lapgo васеъ]. Сусттарин суръати иҷрои мусиқӣ; дар асарҳои мусиқии мутантан, ҳузнангез, мотамӣ истифода мебаранд.

**ЛАРЁ́К,** [рус.]. Дӯкон, дӯкончa.

**ЛА́РИ,** [гурҷ.]. Воҳиди пули Гурҷистон, ки ба 100 тетри баробар аст.

**ЛАРИНГ(О)...,** [< юн. laryngos гулӯ, ҳалқ]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки гулӯ, ҳалқ, ҳалқумро ифода мекунад, мас., *ларингология.*

**ЛАРИНГАЛГИ́Я,** [лот. laryngalgia]. *тиб.* Гулӯдард; дарди гулӯ.

**ЛАРИНГАЛИЗА́ТСИЯ (ЛАРИНГАЛИЗА́ЦИЯ),** [< юн. laryngos гулӯ]. *збш.* Ниг. *глотгализатсия.*

**ЛАРИНГИ́ЗМ,** [лот. laryngismus]. *тиб.* Танг шудани сӯрохи садобаро, ки боиси нафастангӣ мегардад.

**ЛАРИНГИ́Т,** [< юн. laryngos ҳалқ]. *тиб.* Варами гулӯ. || Мқс. ангина, тонзилит.

**ЛАРИНГОВЕСТИБУЛИ́Т,** [лот. laryngovestibulitis]. *тиб.* Варами дамгаҳи гулӯ (ҳалқ).

**ЛАРИНГО́ГРАФ,** [< юн. laryngos гулӯ + …*граф*]. *тиб.* Асбоб барои сабти ҳаракати гулӯ.

**ЛАРИНГОГРА́ФИЯ,** [< юн. laryngos гулӯ + …*графия*]. *тиб.* Муоина ва тадқиқи гулӯ бо ёрии моддаҳои *контрастӣ.*

**ЛАРИНГО́ЛОГ,** [< юн. laryngos гулӯ + …*лог*]. *тиб.* Гулӯшинос; духтури гулӯ; мутахассиси бемориҳои гулӯ.

**ЛАРИНГОЛО́ГИЯ,** [< юн. laryngos гулӯ + …*логия*]. *тиб.* Гулӯшиносӣ; шуъбаи *оториларингология*, ки бемориҳои гулӯ ва усулҳои табобату пешгирии онҳоро тадқиқ мекунад.

**ЛАРИНГОПЛЕГИ́Я,** [лот. laryngoplegia]. *тиб.* Фалаҷи гулӯ.

**ЛАРИНГОСКО́П,** [лот. laryngoscopium]. *тиб.* Асбоб барои муоинаи гулӯ, ҷарроҳӣ ва табобати он.

**ЛАРИНГОСКОПИ́Я,** [лот. laryngoscopia]. *тиб.* Муоинаи гулӯ бо ёрии оиначаи махсус ё *ларингоскоп.*

**ЛАРИНГОСПА́ЗМ,** [< юн. laryngos гулӯ + *спазм*]. *тиб.* Ихтилоҷи мушакҳои гулӯ, ки боиси пурра маҳкам шудани сӯрохи садобаро мегардад.

**ЛАРИНГОСТЕНО́З,** [< юн. laryngos гулӯ + *стеноз*]. *тиб.* Танг ё пурра маҳкам шудани сӯрохи гулӯ.

**ЛАРИНГОТОМИ́Я,** [< юн. laryngos гулӯ + tome чок кардан]. *тиб.* Амали ҷарроҳӣ барои чок кардани гулӯ.

**ЛАРИНГОТРАХЕИ́Т,** [< юн. laryngos гулӯ + *трахея*]. *тиб.* Варами ҳамзамони луобпардаи гулӯ ва хирной.

**ЛАРИНГОТРАХЕОБРОНХИ́Т,** [< юн. laryngos гулӯ + *трахея* + *бронх*]. *тиб.* Варами ҳамзамони луобпардаи гулӯ, хирной ва бронхҳо.

**ЛАРИНГОФО́Н,** [< юн. laryngos гулӯ + …*фон*]. Як навъ *микрофон*, ки ба қисми пеши гардан часпонда мешавад ва танҳо садои одамро (бе шавқуну садоҳои бегона) интиқол медиҳад; дар ҷойҳои сершавқун, мас., дар даруни танк, ҳавопаймо ва ғ. истифода мебаранд.

**ЛАССО́,** [исп. lazo]. Каманд; таноби дорои ҳалқаи лағжанда барои доштани ҳайвонот.

**ЛАСТ,** [ол. Last бор]. **1**. *куҳна*. Ченаки бори киштӣ, ки тақрибан ба 2000 кг баробар аст. **2**. *куҳна*. Ченаки гунҷоиши киштӣ, ки тақрибан ба 5,66 $м^3$ баробар аст. **3**. Ченаки моддаҳои пошхӯранда, ки дар ҳар мамлакат ҳар хел (аз 16 то 32 *гектолитр*) аст.

**ЛАСТ-БОЛ,** [англ. last ball тӯби охирин]. *варз*. Ҳолате дар теннисбозӣ, вақте ки ба яке аз тарафҳо барои ғалаба ҳамагӣ як хол намерасад.

**ЛА́СТИК,** [< лот. elasticus чандир]. Хаткӯркунак; резини мулоим барои тоза кардани хат.

**ЛАТ,** [лат. lat]. Воҳиди пули Латвия, ки ба 100 сантим баробар аст.

**ЛА́ТЕКС,** [лат. latex моеъ]. Шираи растаниҳои каучукӣ, ки дар истеҳсоли *каучук* ва маснуоти дигар истифода мешавад.

**ЛАТЕНТӢ,** [< лот. latens ниҳонӣ, зоҳирнашаванда нонамоён]. **1**. *физиол*. Д а в р а и л а т е н т ӣ – давраи ниҳонӣ; фосилаи вақт аз лаҳзаи таъсири ангеза ба организм то пайдо шудани вокуниш ба таъсири ангеза. **2**. *тиб*. Д а в р а и Л . - и ҳ о м и л а г ӣ – таъхири мувақкктии инкишофи тухми бордоршуда; д а в р а и Л . - и б е м о р ӣ – давраи ҷараёни ниҳонии беморӣ.

**ЛАТЕРАЛӢ,** [< лот. lateralis паҳлӯӣ]. **1.** *анат*. Паҳлӯӣ; дар канори бадан ҷойгиршуда; баръакси *медиалӣ*. **2**. *збш*. Ҳ а м с а д о ҳ о и Л . – ҳамсадоҳое, ки ҳангоми талаффузи онҳо нӯги забон ба узви нофаъол, мас., ком, дандонҳои боло ва ғ. ҷафс мешавад.

**ЛАТИРИ́ЗМ,** [лот. lathyrismus]. *тиб*. Беморие, ки дар натиҷаи заҳролудшавӣ аз наски lathyrus пайдо мешавад; аломатҳояш: фалаҷи дасту по, дард ҳангоми пешоб кардан ва ғ.

**ЛАТЕРИ́Т,** [< лот. later хишт]. *маъд*. Ҷинси кӯҳии гилмонанди сурхчатоб ё хокистарранг, ки дар минтақаҳои гарми сернам дар натиҷаи бодлесшавии ҷинсҳои кӯҳӣ ба вуҷуд меояд.

**ЛАТИФУ́НДИЯ,** [лот. latifundium < latus васеъ, калон + fundus мулк, замин]. Дар баъзе мамлакатҳо – мулки калони хусусӣ.

**ЛАТСАРО́НИ (ЛАЦЦАРО́НИ),** [ит. lazzarone]. Пойлуч, қашшоқ, бекорхӯҷа. || Мқс. люмпен-пролетарий.

**ЛАТСЕРА́ТСИЯ (ЛАЦЕРА́ЦИЯ),** [лот. laceratio]. *тиб*. Кафидан, даридан; захме, ки дар натиҷаи даридан ё канда шудани бофта пайдо мешавад.

**ЛАТСКА́Н (ЛАЦКА́Н),** [ол. Latzchen]. Қисми поёни гиребони *пиҷак, палто, сюртук* ва ғ.

**ЛАТУ́К,** [лот. lactuca]. *бот*. Як навъ растании хӯрданбоб аз оилаи мураккабгулҳо; аз ширааш лактукарий ном доруи табобатӣ истеҳсол мекунанд.

**ЛАТУ́Н (ЛАТУ́НЬ),** [ол. Latun]. Хӯлаи мис бо руҳ (50%), қалъагӣ, алюминий, оҳан, никел ва ғ.

**ЛАУРЕА́Т,** [лот. laureatus бо чанбари лавр (ғор) сарфарозшуда]. **1**. *таър.* Да аҳди атиқа – шахсе, ки барои ғалабааш дар мусобиқа ё ҷанг бо чанбари лавр сарфароз гардонда шудааст. **2**. Ҳоло – шахсе, ки ба вай мукофот ё ҷоиза супурда шудааст (асосан дар соҳаҳои илм, техника, адабиёт, санъат).

**ЛАФЕ́Т,** [ол. Lafette]. Пояи тӯп; аробаи тӯп; қисми тӯпи артиллерӣ, ки ба он мил устувор карда шудааст.

**ЛАФИ́Т,** [фр. Lafitte – номи мавзеъ дар Фаронса]. Як навъ майи сурхи ангурӣ.

**ЛАХА́Р,** [шумер.]. Дар асотири шумериёни қадим – олиҳаи чорвои хонагӣ.

**ЛГБТ**, [эл-гэ-бэ-тэ]. Ҷамъияти *лесбиянкаҳо, гейҳо, бисексуалҳо* ва *транссексуалҳо.*

**ЛЕВА́НТ,** [ит. levante шарқ]. **1**. Номи умумии мамлакатҳои қисми шарқии баҳри Миёназамин: Сурия, Лубнон, Исроил, Миср, Туркия, Юнон, Кипр. **2**. Ба маънои тангаш – Сурия ва Лубнон.

**ЛЕВА́ТОР,** [лот. levator]. **1**. *анат.* Мушаки бардоранда (болокунанда, болобаранда). **2**. *тиб*. Асбоби ҷарроҳӣ барои боло бардоштани қисми фурӯрафтаи устухони сар.

**ЛЕВЕЛЛЕРҲО,** [англ. leveler баробаркунанда]. *таър*. Ҳизби сиёсии радикалӣ-демократӣ дар Англия дар замони инқилоби буржуазии асри 17; Л. барпо намудани ҷумҳурият, ҷорӣ кардани ҳуқуқи интихоботии умумиро талаб мекарданд; моликияти хусусиро ҳимоя мекарданд ва ин боиси аз онҳо дур шудани табақаҳои қашшоқи аҳолӣ гардид.

**ЛЕВИАФА́Н,** [ол., фр. leviathan]. **1**. Дар динҳои яҳудӣ ва насронӣ – аждаҳои бадҳайбати баҳрӣ. **2**. *маҷ*. Ҳар чизи азимҷусса ва бадҳайбат.

**ЛЕВИРА́Т,** [< лот. lever бародари шавҳар, додаршӯ]. Расме, ки мувофиқи он зани бевамонда вазифадор аст ё ҳуқуқ дорад, ба бародари шавҳари фавтидаи худ ба шавҳар барояд; Л. ҳанӯз ҳам дар байни баъзе халқҳо (мас., дар Кавказ, Осиёи Миёна, дар байни яҳудиён) боқӣ мондааст.

**ЛЕВИТА́ТСИЯ (ЛЕВИТА́ЦИЯ),** [< лот. levis сабук + *гравитатсия*]. **1**. Дар хоб ё хаёл муддате парвоз кардан ё по аз замин кандани одам. **2**. Дар *магия* (сеҳру ҷоду) –қувваи ҷозибаи заминро бартараф намуда, гӯё парвоз кардани соҳирони ботаҷриба бо ёрии формулаҳои сеҳрнок ва таҷаммуи энергияи рӯҳӣ.

**ЛЕВУЛО́ЗА, ЛЕВУЛЁЗА,** [лот. laevulosa]. Қанди мева; ниг. *фруктоза.*

**ЛЕВУЛЁЗЕМИ́Я,** [лот. laevulosaemia]. *тиб.* Дар хун вуҷуд доштани қанди мева (*левулоза*).

**ЛЕГАЛИЗА́ТСИЯ (ЛЕГАЛИЗА́ЦИЯ),** [< лот. legalis қонунӣ]. **1**. Қонунигардонӣ; қонунӣ кардан; расмият додан; иҷозат додан ба ягон фаъолият. **2**. Тасдиқи ҳақиқӣ

будани имзои дар ҳуҷҷат гузошташуда. **3**. Тасдиқи ҳаққоният ва эътибори ҳуқуқии ҳуҷҷате, ки дар давлати хориҷӣ дода шудааст. || Мқс. легитиматсия.

**ЛЕГАЛӢ,** [< лот. legalis қонунӣ]. Қонунӣ; мувофиқи қонун амалкунанда; баръакси пинҳонӣ, ғайриқонунӣ.

**ЛЕГАСТЕНИ́Я**, [лот. legasthenia]. Душвории хатхонӣ ва хатнависӣ.

**ЛЕГАТ¹,** [< лот. legatus сафир]. **1**. *таър*. Дар Рими Қадим – сафире, ки супоришҳои махсуси сиёсиро иҷро менамуд. **2**. *таър*. Дар замони ҷумҳурии Рим – ёвари сарлашкар. **3**. Вакили Папаи Рим, ки ба мамлакатҳои хориҷӣ бо супориши махсус фиристода мешавад; *дипломати* олимақоми католикӣ.

**ЛЕГАТ²,** [< лот. legatum раддияи васиятӣ]. Дар васиятнома ба зиммаи меросхӯр гузоштани иҷрои ягон вазифа, мас., ба ягон кас додани пул ё молу мулки муайян.

**ЛЕГАТИ́ССИМО,** [ит. legatussimo]. *мус*. Пурратар, мукаммалтар иҷро намудани *легато*; дараҷаи мукаммали легато.

**ЛЕГА́ТО,** [ит. legato]. *мус*. Мусиқиро канда накарда, ҳамвор гузаштан аз як оҳанг ба оҳанги дигар.

**ЛЕГА́ТСИЯ (ЛЕГА́ЦИЯ),** [лот. legatio сафорат]. Сафорати Папаи Рим.

**ЛЕГГЕМОГЛОБИ́Н,** [< *гемоглобин*]. Навъи сафеда; дар таркиби меваҳои дарунихокии (решагии) растаниҳои лӯбиёгӣ худи ҳамон нақшеро мебозад, ки *гемоглобин* дар хуни одам ва ҳайвон мебозад.

**ЛЕГГО́РН,** [< англ. Leghorn – номи англисии шаҳри Ливорнои Италия]. Зоти мурғҳои сафеди сертухм, ки аввалин маротиба дар шаҳри Ливорнои Италия ба вуҷуд оварда шудааст.

**ЛЕГЕ́НДА,** [< лот. legenda хондашаванда]. **1**. Ривоят, афсона, ҳамоса, қисса. **2**. Ягон нақли ғайриҳақиқӣ, аз пеши худ бофташуда, мас., тарҷимаи ҳоли бардурӯғ, бофташудаи ҷосус, разведкачӣ.

**ЛЕГИО́Н,** [< лот. legio (legionis)]. **1**. *таър*. Қисми калони ҳарбӣ дар Рими Қадим. **2**. Номи қисмҳои махсуси ҳарбӣ дар баъзе мамлакатҳо. **3**. *таър*. Дар Руси Қадим – номи рақами сад ҳазор. **4**. *маҷ*. Аз ҳад зиёд, бешумор, ниҳоят бисёр.

**ЛЕГИОНЕ́Р,** [< лот. legionarius]. **1.** Аскари *легион*. **2.** Дар футбол, хоккей ё бозиҳои дигари варзишӣ – бозигаре, ки дар ҳайати дастаи дигар (одатан дастаи хориҷӣ) бозӣ мекунад.

**ЛЕГИСЛАТИ́ВА,** [фр. legislative]. *таър*. Номи ихтисоршудаи маҷлиси қонунбарори Фаронса дар замони Инқилоби кабири Фаронса (солҳои 1791 – 1792).

**ЛЕГИСЛАТУ́РА,** [фр. legislatur]. **1**. *ҳуқ*. Муҳлати ваколат, инчунин давраи фаъолияти маҷлиси қонунбарори интихобшуда. **2**. Номи маҷлиси қонунбарор дар баъзе мамлакатҳо.

**ЛЕГИ́СТҲО,** [фр. legiste]. *таър*. Дар Аврупои Ғарбии асрҳои миёна – ҳуқуқшиносоне, ки ҳуқуқи дунявии Римро ба ҳуқуқи калисоӣ ва расму оинҳои феодалӣ муқобил мегузоштанд ва муборизаи ҳокимияти подшоҳиро ба муқобили феодалҳои калон дастгирӣ менамуданд.

**ЛЕГИТИМА́ТСИЯ (ЛЕГИТИМА́ЦИЯ),** [< лот. legitimus қонунӣ]. **1**. Эътироф ё тасдиқи ягон ҳуқуқ ё ваколат. **2**. Қонунӣ гардондани фарзанди бе никоҳ таваллудшуда.

**ЛЕГИТИМИ́СТ,** [< лот. legitimus қонунӣ]. Пайрав ва ҷонибдори сулолаи қонунии сарнагуншуда.

**ЛЕГИТИМӢ,** [< лот. legitimus]. Қонунӣ.

**ЛЕГОГЛОБИ́Н,** [< *гемоглобин*]. Сафедаи сурхи оҳандори растаниҳои лӯбиёӣ.

**ЛЕ́ГУА,** [исп. legua]. Воҳиди дарозӣ дар мамлакатҳои Амрикои Лотинӣ, ки ба 40 *куадра* баробар аст.

**ЛЕДЕБУРИ́Т,** [ол. Ledebur]. Ҷузъи таркибии хӯлаҳои оҳану карбондор (асосан чӯян).

**ЛЕДЕРИ́Н,** [< ол. Leder чарм]. Матои ресмонии бо лок пӯшондашуда, ки ба чарм монанд аст; асосан барои тайёр кардани муқоваи китоб истифода мешавад.

**ЛЕ́ДИ,** [англ. lady]. **1**. Дар Британияи Кабир – зан ё духтари *лорд, барон, маркиз, герсог, граф, виконт*. **2**. *гуфт*. Умуман зан. **3**. Л.-и якум (аввал) – зани сардори давлат.

**ЛЕ́ЕР**, [ҳол. leier]. Тавораи танобӣ ё металлӣ дар атрофи саҳни киштӣ, инчунин таноби бодбон ва завракҳои наҷотдиҳанда.

**ЛЕЗГИ́НКА,** [< лезгинӣ]. Рақси ғаюронаи мардуми Кавказ, ки тарзу равишҳои гуногун дорад.

**ЛЕ́ЗИЯ**, [лот. laesio]. *тиб*. Иллати бофтаҳо ё вайроншавии робитаи байни бофтаҳо.

**ЛЕЙ,** [рум. ley]. Воҳиди пули Молдова ва Руминия, ки ба 100 бан баробар аст.

**ЛЕЙАСТЕНИ́Я**, [лот. leiasthenia]. *тиб*. Сустии (*астенияи*) мушакҳои суфта.

**ЛЕЙБ…,** [ол. Leib]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки ба дарбор, подшоҳ (шоҳ) мансуб буданро ифода мекунад, мас., *лейб-гвардия*.

**ЛЕЙБ-ГВА́РДИЯ,** [ол. Leibgarde]. *таър*. Дар Россияи подшоҳӣ ва баъзе давлатҳои монархистӣ – дастаи аскарони имтиёзноки дарбор, ки яке аз вазифаҳои он муҳофизати император ва аҳли байти ӯ буд.

**ЛЕЙБЛ,** [англ. label]. Тамғакоғази либос, ки одатан дар он номи ширкати истеҳсолкунанда навишта мешавад. || Мқс. этикетка.

**ЛЕЙБ-МЕ́ДИК,** [< *лейб…* + *медик*]. Табиби дарбор.

**ЛЕЙБОРИ́СТ,** [< англ. labour меҳнат, кор]. Узви ҳизби лейбористӣ (коргарӣ) дар Британияи Кабир, Австралия, Зеландияи Нав ва баъзе мамлакатҳои диг. || Мқс. консерватор.

**ЛЕЙКЕМИ́Я,** [< юн leikos сафед + haima хун]. *тиб.* Сафедхунӣ; бемории хун, ки дар натиҷаи якбора зиёд шудани миқдори *лейкоситҳо* (ҳуҷайраҳои сафеди хун) пайдо мешавад; *лейкоз* ва *алейкемия* низ гӯянд.

**ЛЕ́ЙКО..., ЛЕ́ЙКЕ...,** [< юн. leikos сафед]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки ба ранги сафед робита доштанро ифода мекунад, мас., *лейкосит.*

**ЛЕЙКОДЕ́РМА,** [< *лейко...* + derma пӯст]. *тиб.* Кам ё тамоман нест шудани *пигменти* пӯст дар натиҷаи баъзе бемориҳои пӯст; бо пайдо шудани доғҳои сафед дар пӯст зоҳир мегардад.

**ЛЕЙКОДЕРМИ́Я,** [< *лейко...* + derma пӯст]. *тиб.* Ниг. *лейкодерма.*

**ЛЕЙКОДИА́ГНОЗ**, [< *лейко...* + *диагноз*]. *тиб.* Ташхиси бемори аз рӯи шумора ва хусусиятҳои *лейкоситҳо.*

**ЛЕЙКО́З,** [< юн. leikos сафед]. Ниг. *лейкемия.*

**ЛЕЙКОКЕРАТО́З**, [< *лейко...* + *кератоз*]. *тиб.* Дар луобпардаҳо пайдо шудани раху доғҳои сафед.

**ЛЕЙКОКО́РИЯ**, [< *лейко...* + *кориум*]. *тиб.* Сафедшавии мардумаки чашм.

**ЛЕЙКО́ЛИЗ**, [< *лейко...* + *...лиз*]. *тиб.* Ҳалшавии (обшавии) *лейкоситҳо.*

**ЛЕЙКО́МА**, [< *лейко...* + *...ома*]. *тиб.* Гули чашм; парда ё холи сафеде, ки дар чашм дар натиҷаи газак гирифтан ё захмдор гардидани қарния пайдо мешавад.

**ЛЕЙКОМИЕЛИ́Т**, [< *лейко...* + *миелит*]. *тиб.* Газаки моддаи сафеди ҳароммағз.

**ЛЕЙКОПА́ТИЯ**, [< *лейко...* + *...патия*]. *тиб.* Барас; бемории сафедпӯстӣ. || Мқс. лейкодермия.

**ЛЕЙКОПЕНИ́Я,** [< *лейко...* + penia нодорӣ, камбағалӣ]. *тиб.* Кам шудани миқдори *лейкоситҳо* дар хун; баръакси *лейкоситоз.*

**ЛЕЙКОПЛАКИ́Я**, [< *лейко...* + plakion лавҳача, пулакча]. *тиб.* Доғҳои сафеде, ки дар луобпардаҳои даҳон, узвҳои таносул ва ғ. дар натиҷаи нарасидани витаминҳо ё газак гирифтани луобпардаҳо пайдо мешаванд.

**ЛЕЙКОПЛА́СТИР (ЛЕЙКОПЛА́СТЫР),** [< *лейко...* + plastos часпондашуда]. Тасмаи матои тунук, ки дар рӯяш моддаи часпаки антисептикӣ молида шудааст; барои дошта истодани дока (*бинт*), ба ҳам наздик кардани канорҳои ҷароҳат, пешгирии *инфексияҳо* истифода мебаранд.

**ЛЕЙКОПЛА́СТҲО**, [< *лейко…* + plastos часпондашуда]. *бот. Пластидҳои* беранги ҳуҷайраҳои растанӣ, ки сафеда, оҳар (крахмал) ва равғанҳоро ҷамъ ва синтез мекунанд. || Мқс. хлоропластҳо, хромопластҳо.

**ЛЕЙКОТРО́ПҲО,** [< *лейко…* + tropos гардиш, самт]. *хим.* Моддаҳое, ки барои гулпартоӣ дар рӯи матоъ истифода мешаванд.

**ЛЕЙКОСИТО́З (ЛЕЙКОЦИТО́З),** [< *лейко…* + kytos ҳуҷайра]. *тиб.* Зиёд шудани миқдори *лейкоситҳо* дар хун; баръакси *лейкопения.*

**ЛЕЙКОСИ́ТҲО (ЛЕЙКОЦИ́ТҲО),** [< *лейко…* + kytos ҳуҷайра]. *физиол.* Доначаҳои сафеди хун; ҳуҷайраҳои беранги хуни одам ва ҳайвонот, ки ҳуҷайраҳои мурда, бактерияҳо ва диг. ҷисмҳои бегонаро дошта гирифта, ҳазм мекунанд. || Мқс. эритроситҳо.

**ЛЕЙОМИО́МА**, [лот. leiomyoma]. *тиб.* Омоси некфарҷоме, ки аз торҳои мушакҳои суфта рушд мекунад.

**ЛЕЙТЕНА́НТ**, [фр. lieutenant]. Рутбаи хурди афсарӣ дар артиш ва флот, инчунин шахсе, ки чунин рутба дорад. || Мқс. капитан, майор.

**ЛЕЙТМОТИ́В,** [ол. Leitmotiv]. **1**. *мус.* Сарахбор; оҳанг ё мақоми асосӣ, ки барои равшан кардани образи қаҳрамон ё рафти воқеа дар давоми намоиш борҳо такрор карда мешавад. **2**. *маҷ.* Фикри асосӣ, ки борҳо таъкид ва такрор карда мешавад.

**ЛЕЙТСИ́Н (ЛЕЙЦИ́Н)**, [< юн. leikos сафед]. *хим.* Яке аз *аминокислотаҳои алифатӣ* – ҷузъи таркибии ҳамаи сафедаҳои табиӣ; барои табобати бемориҳои ҷигар, камхунӣ ва ғ. истифода мебаранд. || Мқс. лизин.

**ЛЕЙТСИ́Т (ЛЕЙЦИ́Т)**, [< юн. leikos сафед]. *маъд.* Минерали сафедтоб, *алюмосиликати* калий; чун нурӣ, инчунин барои ҳосил намудани алюминий ва калий истифода мешавад.

**ЛЕЙФЕМИ́Я**, [лот. leiphaemia]. *тиб.* Тунук (рақиқ) шудани хун.

**ЛЕЙШМА́НИЯҲО,** [< англ. Leishman – аз номи табиби шотландӣ Лейшман (1865 – 1926)]. *тиб.* Ангалҳои (*паразитҳои*) дохилиҳуҷайравии одам ва баъзе ҳайвонот – барангезандагони бемориҳои вазнини сироятӣ (*лейшманиозҳо*).

**ЛЕЙШМАНИО́ЗҲО,** [< англ. Leishman]. *тиб.* Гурӯҳи бемориҳои сироятии одам ва ҳайвон, ки барангезандагонашон *лейшманияҳо* мебошанд; ҳангоми Л. пӯст, луобпардаҳо ва узвҳои дарунӣ осеб меёбанд.

**ЛЕК,** [алб. lek]. Воҳиди пули Албания, ки ба 100 киндарка баробар аст.

**ЛЕКА́Ж**, [ол. Leckage]. Кам шудани вазн ё ҳаҷми мол дар натиҷаи рехтан ё пош хӯрдани он ҳангоми ҳамлу нақл.

**ЛЕКОТЕ́КА**, [< швед. leco бозича + юн. theke анбор]. **1**. Ҷои махсус барои расондани хизматҳои психологӣ ва педагогӣ ба волидони кӯдакони маъюб. **2. Муассисаи**

**томактабии давлатӣ ё маркази ҷамъиятии кӯдакон, ки мақсади он инкишоф додани нутқ ва ҳаракат, инчунин малакаҳои математикии кӯдакони дорои нуқсонҳои ҷисмонӣ ва рӯҳӣ мебошад; машғулиятҳои Л. бо ёрии бозию бозичаҳо гузаронда мешаванд ва номи Л. аз ҳамин ҷост.**

**ЛЕКСЕ́МА**, [< юн. lexis калима, ибора]. *збш.* Воҳиди таркиби луғавии забон бо кулли шаклу маъноҳои он; як Л. тамоми *парадигмаҳои* калимаро дар бар мегирад (мас., китоб, китобҳо, китобе, китобам, китобат, китобро ва ғ., ё «чанг» ба маънои гард, ғубор ва «чанг» ба маънои асбоби мусиқӣ).

**ЛЕ́КСИКА,** [< юн. lexis калима, ибора]. *збш.* **1**. Таркиби луғавии забон; маҷмуи калимаҳое, ки ба таркиби луғавии ин ё он забон ё шева дохил мешаванд. **2**. Таркиби луғавии асарҳои ин ё он нависанда. **3**. Маҷмуи калимаҳое, ки дар ягон соҳаи фаъолият кор фармуда мешаванд.

**ЛЕКСИКАЛИЗА́ТСИЯ (ЛЕКСИКАЛИЗА́ЦИЯ)**, [< *лексема*]. *збш.* Ба *лексема* табдил ёфтани унсурҳои алоҳидаи забон.

**ЛЕКСИКО́ГРАФ,** [< *лексикография*]. Мутахассиси *лексикография.*

**ЛЕКСИКОГРА́ФИЯ,** [< юн. lexikos луғавӣ, забонӣ + …*графия*]. *збш.* Луғатнигорӣ, луғатсозӣ, фарҳангнигорӣ; назария ва амалияи тадвини луғатҳо.

**ЛЕКСИКО́ЛОГ,** [< *лексикология*]. Мутахассиси *лексикология.*

**ЛЕКСИКОЛО́ГИЯ,** [< юн. lexikos луғавӣ, забонӣ + …*логия*]. *збш.* Соҳаи забоншиносӣ, ки таркиби луғавии забонро (*лексикаро*) меомӯзад.

**ЛЕКСИКО́Н,** [< юн. lexikos луғавӣ, забонӣ]. **1**. *кӯҳна.* Луғат. **2**. Захираи луғавии шахс, гурӯҳи ҷамъиятӣ ё ягон соҳаи фаъолият.

**ЛЕКСИКОСТАТИ́СТИКА,** [< юн. lexikos луғавӣ, забонӣ + *статистика*]. Забоншиносии оморӣ; соҳаи забоншиносӣ, ки таърихи инкишофи забонҳоро меомӯзад; глоттохронология низ гӯянд.

**ЛЕ́КСИЯ (ЛЕ́КЦИЯ)**, [лот. lectio]. **1**. Дарси шифоҳии омӯзгор. **2**. Маърӯза дар назди омма оид ба масъалаҳои сиёсат, илм, техника ва ғ.

**ЛЕ́КТОР**, [лот. lector]. Лексияхон; шахсе, ки дар назди одамон *лексия* мехонад.

**ЛЕКТО́РИЙ,** [лот. lectorium]. **1**. Муассисае, ки бо ташкили лексияҳо машғул аст. **2**. Толори лексияхонӣ.

**ЛЕ́ММА**, [юн. lemma]. *мат.* Ҷумлаи ёрирасон, ки дар занҷири мантиқӣ ҳангоми исботи як ё якчанд *теорема* истифода мешавад.

**ЛЕ́ММИНГ**, [норв. lemming]. *зоол.* Ҷонвари хояндаи ширхӯр аз оилаи калламушҳои даштӣ (4 намуд); дар ҷангалҳои Авруосиё ва Амрикои Шимолӣ зиндагӣ мекунад.

**ЛЕМПИ́РА**, [исп. Lempira – аз номи пешвои ҳиндуёни Амрико, ки бар зидди истилогарони испанӣ мубориза бурда буд]. Воҳиди пули Гондурас, ки ба 100 *сентаво* баробар аст.

**ЛЕМУ́РҲО**, [лот. lemures]. **1**. Дар асотири римиёни қадим – арвоҳи мурдаҳо. **2**. *зоол.* Оилаи ниммаймунҳо аз ҷинси *приматҳо*; дарозии баданашон аз 13 то 55 см (14 намуд).

**ЛЕН**[1], [ол. Lehn]. *таър.* **1**. Дар Олмони давраи феодалӣ – мулке, ки *вассал* аз *сенйор* ба шарти адо намудани хизмати ҳарбӣ мегирифт. **2**. Андозе, ки аз мулки ленӣ рӯёнда мешуд.

**ЛЕН**[2], [шв. lan]. Воҳиди ҳудудию маъмурӣ дар Шветсия; ноҳия.

**ЛЕ́НДЛЕР**, [ол. Landler сокини деҳа, деҳотӣ]. *таър.* Як навъ рақси қадимаи австриягӣ-олмонӣ, ки *валс* аз он пайдо шудааст.

**ЛЕНД-ЛИЗ**, [англ. lend-lease < lend қарз додан lease иҷора додан]. *таър.* Қонуне, ки онро Конгресси ИМА с. 1941 қабул карда буд; мувофиқи он ИМА солҳои ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ба мамлакатҳои иттиҳоди зиддигитлерӣ лавозимоти ҳарбӣ, хӯрокворӣ ва молҳои дигарро ба иҷора медод.

**ЛЕНДЛО́РД**, [англ. lendlord]. Заминдори калон дар ҷазираҳои Британия.

**ЛЕ́НСМАН**, [шв. lansman]. Намояндаи идораи полис ё андоз дар деҳоти Шветсия ва Финляндия.

**ЛЕНИНИ́ЗМ**, [< рус. – аз номи доҳии пролетариати ҷаҳон Владимир Илич Ленин (1870 – 1924)]. Таълимоти В. И. Ленин – инкишофу такмили минбаъдаи *марксизм* мувофиқан ба шароити империализм ва инқилобҳои пролетарӣ.

**ЛЕ́НТА**, [рус. < ол. Linte]. Тасма; навор.

**ЛЕ́НТО**, [< ит. lento суст]. *мус.* **1**. Суръати иҷрои асари мусиқӣ, ки аз *ларго* тезтар аст. **2**. Асари мусиқие, ки бо ҳамин суръат иҷро карда мешавад.

**ЛЕНЧ**, [англ. lunch]. Таҳтули байни ноништа ва таоми нисфирӯзӣ.

**ЛЕО́НЕ**, [англ. leone]. Воҳиди пули Сйерра Леоне.

**ЛЕОНИДҲО**, [< лот. leo шер]. *астр.* Селаи метеорҳо, ки онро ҳар сол дар миёнаҳои ноябр мушоҳида кардан мумкин аст; дар бурҷи Асад *радиант* дорад.

**ЛЕОПА́РД**, [лот. leopardus < лот. leo шер + pardus паланг]. Паланг; ҳайвони калони даранда аз оилаи гурбаҳо, дарозии баданаш то 1,7 м; *барс* низ гӯянд.

**ЛЕПИДОЗА́ВРҲО**, [лот. lepidosauria]. *пал.* Ҳайвонҳои дарандаи хушкигард ё обӣ аз зерсинфи хазандаҳо; дар давраи *перм* зиндагӣ кардаанд.

**ЛЕПИДОКРОКИ́Т**, [< юн. lepis пулакча]. *маъд.* Минерале, ки аз *гидроксиди* оҳан ва омехтаи *марганетс* таркиб ёфтааст; аз Л. асосан оҳан ҳосил мекунанд.

**ЛЕПИДОЛИ́Т**, [< юн. lepis пулакча + *…лит.*]. *маъд.* Минерал аз зерсинфи *силикатҳо*, алюмосиликати мураккаби калий ва литий; аз Л. литий ва сангҳои ороишӣ тайёр мекунанд.

**ЛЕПИДОМЕЛА́Н**, [< юн. lepis пулакча + melano сиёҳ]. *маъд.* Минерал аз гурӯҳи абраққо; рангаш сиёҳ, аз рӯи хосиятҳои физикӣ ба *биотит* шабоҳат дорад.

**ЛЕПИДОСИРЕ́Н**, [< юн. lepis пулакча + *сирена*]. Моҳӣ аз зерсинфи дубахраҳо; як ҷуфт пуфакчаи шиноварӣ дорад, ки узви нафаскашии иловагӣ ба шумор меравад.

**ЛЕ́ПРА**, [юн. lepra]. *тиб.* Махав; бемории музмини сироятӣ, ки ҳангоми он дар пӯст ё узвҳои дигар захмҳо пайдо мешаванд.

**ЛЕПРОЗО́РИЙ**, [< юн. lepra махав]. Махавхона; муассисаи тиббӣ барои муолиҷаи махавҳо ва ҷудо нигоҳ доштани онҳо аз одамонисолим.

**ЛЕПРО́ЛОГ**, [< *лепра* + *…лог*]. *тиб.* Мутахассиси бемории махав; махавшинос.

**ЛЕ́ПТА**, [< юн. lepton танга]. **1**. *таър.* Тангаи мисин дар Юнони Қадим. **2**. Пули тангагии Юнони имрӯза, ки ба 1/100 *драхма* баробар аст. **3**. *маҷ.* Ҳиссаи шахсӣ дар ягон кори умумӣ.

**ЛЕПТОМЕНИНГИ́Т**, [< юн. leptos тунук + *менингит*]. *тиб.* Газаки пардаи тунуки мағзи сар.

**ЛЕПТО́НҲО**, [юн. leptos сабук]. *физ.* Зарраҳои элементарии сабук; *электрон, позитрон, нейтрино, мюон*, лептони вазнин ва антизарраҳои онҳо ба Л. дохил мешаванд.

**ЛЕПТОСПИ́РАҲО**, [< юн. leptos тунук + speira печутоб]. Ҷинси бактерияҳои ангал аз оилаи спирохетҳо; барангезандагони *лептоспироз* ба шумор меравaнд.

**ЛЕПТОСПИРО́З**, [< юн. leptos тунук + speira печутоб]. *тиб.* Бемории шадиди сироятӣ, ки *лептоспираҳо* ном микроорганизмҳои беморизо бармеангезанд; бо табларза, зардпарвин, дарди мушаку буғумҳо зоҳир мегардад.

**ЛЕСБИАНИ́ЗМ, ЛЕСБИЯНИЯ́Т**, [< юн. – аз номи ҷазираи Лесбос (Lesbos) дар баҳри Эгей)]. Яке аз намудҳои *гомосексуализм*; майли шаҳвонии зан ба зан; муҷомаати зан бо зан.

**ЛЕСБИЯ́НКА**, [< *лесбианизм*]. Зане, ки бо лесбианизм (ниг. *лесбианизм*) машғул аст. || Мқс. гей, бисексуал.

**ЛЁСС**, [ол. Loss]. Зардхок; ҷинси таҳшинии кӯҳии (хоки) нарму ковок, ки дар таркибаш зарраҳои гил, карбонати калсий, гидроксиди оҳан ва минералҳои дигар дошта, дар ташаккули қабати ҳосилхези замин нақши асосӣ мебозад; рангаш зарди сафедтоб.

**ЛЕ́ТА**, [юн. Lethe]. Дар асотири юнониёни қадим – дарёи фаромӯшӣ дар олами зеризаминӣ; арвоҳи мурдагон аз оби ин дарё нӯшида, тамоми ҳаёти заминиашонро фаромӯш мекарданд.

**ЛЕТА́Л (ЛЕТА́ЛЬ)**, [лот. letalis марговар]. *биол. Мутатсияи* (тағйир ёфтани) *ген*, ки боиси ҳалокати организм дар ин ё он давраи *онтогенез* мегардад.

**ЛЕТАЛӢ**, [лот. letalis]. Марговар.

**ЛЕТАРГИ́Я**, [< юн. lethe фаромӯшӣ + argia беамалӣ, беҳаракатӣ]. **1**. *тиб*. Хоби сакта; марги козиб; хоби гарони дурударози маргмонанд, ки одатан аз якчанд соат то якчанд шабонарӯз давом мекунад; ҳангоми Л. бемор ба ангезаҳои берунӣ вокуниш нишон намедиҳад, нафаскашӣ ва набзаш қариб ҳис карда намешавад. **2**. *маҷ*. Беҳаракатӣ, бефаъолиятӣ.

**ЛЕТИТСИ́Н (ЛЕТИЦИ́Н)**, [< юн. lekithos зардии тухм]. *хим., биол*. Моддаи органикии равғанмонанд, ки дар *мембранаҳои* биологии ҳамаи ҳуҷайраҳои набототу ҳайвонот, аз ҷумла дар зардии тухм вуҷуд дорад; дар дорусозӣ истифода мешавад.

**ЛЕТСИТИ́Н (ЛЕЦИТИ́Н)**, [англ. lecithins]. Ниг. *летитсин*.

**ЛЕТУА́НИКА**, [лит. letuanica]. Соҳаи илм, ки таърих, фарҳанг, забон ва хати литвониҳоро таҳқиқ мекунад.

**ЛЕТУ́ЧКА**, [< рус.]. Маҷлисча; маҷлиси кӯтоҳмуддат дар корхонаю муассисаҳо.

**ЛЕ́ЧО**, [< булғ.]. Очори занҷабил бо помидор ва дорувори хушбӯйкунандаю лаззатфизо.

**ЛЁЛЛИНГИ́Т**, [ол. Lollingit – аз номи ш. Лёллинги Австрия]. *маъд*. Минерали сафеди нуқратоб аз гурӯҳи арсенидҳо; аз Л. *арсений* (марги муш) ҳосил мекунанд.

**ЛЁ́ТЧИК**, [< рус. лететь парвоз кардан]. Ҳавонавард; халабон; ронандаи ҳавопаймо.

**ЛИ**, [< хит.]. Дар баъзе мамлакатҳои Осиёи Ҷанубӣ: 1) воҳиди дарозӣ (аз якчанд мм то 500 м); 2) воҳиди майдон, ки дар Хитой тақрибан ба 6 $м^2$ ва дар Ветнам ба 0,04 $м^2$ баробар аст; 3) воҳиди вазн (аз 30 то 40 мг).

**ЛИА́НА**, [фр. liane]. *бот*. Изғичи печон; як навъ растании ҷанубӣ, ки қобилияти танаашро мустақилона рост нигоҳ доштан надорад ва растаниҳои диг., харсанг, девор ва ғ.-ро чун такягоҳ истифода мебарад.

**ЛИ́БЕР**, [лот. Liber]. Дар асотири римиёни қадим – худои ҳосилхезӣ ва нерӯи ҳаётӣ.

**ЛИ́БЕРА**, [лот. Libera]. Дар асотири римиёни қадим – олиҳаи барзгарӣ.

**ЛИБЕРА́Л**, [< лот. liberalis озод]. **1**. Тарафдор, пайрави *либерализм*. **2**. Узви ҳизби *либералӣ*. **3**. Шахси озодандеш, озодфикр.

**ЛИБЕРАЛИЗА́ТСИЯ (ЛИБЕРАЛИЗА́ЦИЯ)**, [< лот. liberalis озод]. Аз байн бардоштани маҳдудиятҳо; додани озодии амал; бекор ё кам кардани дахолати давлат ба ҳаёти иқтисодӣ ва шахсии шаҳрвандон; Л.-и нарх – бекор кардани танзими давлатии нарх.

**ЛИБЕРАЛИ́ЗМ**, [< лот. liberalis озод]. **1**. Равияи идеологию сиёсие, ки тарафдорони озодиҳои демократӣ ва соҳибкории озодро муттаҳид менамояд. || Мқс. радикализм.

**2**. Озодандешӣ, озодфикрӣ; таҳаммулпазирӣ; муросо ва раҳмдилии аз ҳад зиёд бо мухолифон; саҳлангорӣ дар роҳбарӣ.

**ЛИ́БЕРО**, [< лот. liberalis озод]. *варз*. Дар футбол – муҳофизатгари озод, ки дар хати муҳофизат мавқеи муайян надорад.

**ЛИБЕРТИ́Н**, [< лот. liberalis озод]. Дар аҳди атиқа – ғуломи озодшуда.

**ЛИБИ́ДО**, [< лот. liberalis озод]. *физиол*. Майли шаҳвонӣ.

**ЛИБИТИ́НА**, [лот. Libitina]. Дар асотири римиёни қадим – олиҳаи мурдагон, марг ва дафн.

**ЛИ́БРА**, [< исп. libra тарозу]. Воҳиди вазн дар мамлакатҳои Амрикои Лотинӣ, ки тахминан ба 460 г баробар аст.

**ЛИБРА́ТСИЯ (ЛИБРА́ЦИЯ)**, [< лот. librare ҷумбондан]. Алвонҷхӯрии зоҳирии Моҳ дар атрофи марказаш, ки дар натиҷа доғҳои қурси Моҳ ҳангоми мушоҳида гоҳ ба рост ва гоҳ ба чап ҷой иваз мекунанд; Л. аз он сабаб ба амал меояд, ки Моҳ дар атрофи Замин номунтазам, вале дар гирди меҳвараш бо суръати кунҷии собит давр мезанад.

**ЛИБРЕ́ТТО**, [< ит. libretto китобча]. **1**. Матни шофоҳии опера, оперетта, оратория, контата. **2**. Стсенарияи адабӣ ё баёни мухтасари мазмуни пйеса, опера, балет.

**ЛИ́ВЕР¹,** [< англ. liver ҷигар]. Узвҳои дарунии хӯрданбоби ҳайвонот (дил, ҷигар, шуш, испурч, гурда).

**ЛИ́ВЕР²,** [< лот. levare бардоштан]. Обкашак, обдуздак; *насоси* дастӣ барои аз як зарф (мас., аз чалак) ба зарфи дигар (мас., ба сатил) рехтани моеъот (сӯзишворӣ, май ва ғ.).

**ЛИВИСТО́НА**, [лот. livistona]. Як навъ нахли паҳнбарге, ки дар минтақаҳои тропикии Осиё мерӯяд.

**ЛИВР**, [фр. livre]. **1**. Тангаи нуқрагии Фаронса дар асрҳои миёна. **2**. Воҳиди пули Фаронса то ба муомилот баромадани *франк* (то с. 1799). **3**. Воҳиди қадимии вазн дар Фаронса, ки тақрибан бо 0,5 кг баробар буд.

**ЛИВРЕ́Я**, [фр. livree]. Камзӯли дарози шерозанок – либоси расмии дарбонҳо, хизматгорон, аробакашҳо, пешхизматҳо.

**ЛИ́ГА¹**, [< лот. ligare пайваст кардан, муттаҳид кардан]. **1**. Иттиҳоди одамон, ташкилотҳо, давлатҳо; Л и г а и   М и л л а т ҳ о – иттиҳоди байналмилалии давлатҳо, ки аз с. 1919 то с. 1946 вуҷуд дошт. **2**. Дар бозиҳои варзишӣ, мас., футбол, волейбол, хоккей – гурӯҳи дастаҳое, ки аз рӯи маҳорату қобилияташон тахминан дар як сатҳ қарор доранд.

**ЛИ́ГА²**, [< ит. liga робита]. *мус*. Аломати камоншакл дар болои нота, ки пайваста навохтанро ифода мекунад.

**ЛИ́ГА³**, [англ. league]. Воҳиди масофа дар ИМА ва Британияи Кабир, ки ба 3 *мил* баробар аст.

**ЛИГАТУ́РА**, [< лот. ligare пайваст кардан]. **1**. Омехтани як металл бо металли дигар бо мақсади сахт кардани он (мас., мис бо тилло). **2**. *тиб*. Ришта барои бастани рагҳои хунгард. **3**. *збш*. Бо як аломати хаттӣ ифода кардани як ё якчанд ҳарф.

**ЛИГНИ́Н**, [< лот. lignum дарахт]. **1**. *хим*. Моддаи органикие, ки дар таркиби бофтаҳои наботот (асосан дарахтон) вуҷуд дорад. **2**. *тиб*. Масолеҳи тунуки ҷароҳатбандӣ аз пахтаи чӯб.

**ЛИГНИ́Т**, [< лот. lignum дарахт]. *геол*. Як навъ ангишти бӯрранг, ки бофтаҳои чӯбии худро хуб нигоҳ доштааст.

**ЛИГРОИ́Н**, [фр. ligroine]. *хим., тех*. Маҳсулоте, ки дар натиҷаи тақтири нафт ҳосил мешавад; аз бензин вазнинтар аст; аз Л. бензини сероктан, инчунин сӯзишвории реактивӣ ва дизелӣ мегиранд.

**ЛИД**, [англ. lead]. Сархати якуми мақола, ки дар он мавзуъ ва муҳтавои мақола мухтасар баён карда мешавад; одатан барои ҷалб намудани диққати хонандагон хизмат мекунад.

**ЛИД-**…, [англ. lead]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои роҳбар, сарвар, пешво, пешоҳанг, пешсаф, мас., лид-вокалист, лид-менеҷер, лид-журналист.

**ЛИДДИ́Т**, [англ. lyddite]. Як навъ моддаи тарканда; *мелинит* ё *тринитрофенол* низ гӯянд.

**ЛИ́ДЕР**, [англ. leader]. **1**. Роҳбари давлат, ҳизби сиёсӣ, ташкилот, муассиса, гурӯҳи одамон ва ғ. **2**. *варз*. Пешсафи мусобиқа; варзишгар ё дастае, ки дар мусобиқа яке аз ҷойҳои аввалро ишғол мекунад; баръакси *аутсайдер*. **3**. Умуман сарвар, пешво, пешоҳанг, пешсаф, пешбар.

**ЛИД-МЕ́НЕҶМЕНТ (ЛИД-МЕ́НЕДЖМЕНТ)**, [англ. lead management < to manage идора кардан]. Дар назарияи тиҷорат – маҷмуи усулу амалҳое, ки ба ҷалби муштариёни имконпазир нигаронида шудаанд.

**…ЛИЗ**, [< юн. lysis ҳал кардан]. Қисми охири калимаҳои мураккаб, ки ҳал, вайрон, таҷзия кардан (шудан)-ро ифода мекунад, мас., *гидролиз*.

**ЛИЗА́Т**, [< юн. lysis ҳал кардан]. *хим., биол*. Маҳсули *лизис*.

**ЛИЗИ́Н**, [< юн. lysis ҳал кардан]. *хим., биол*. Яке аз *аминокислотаҳои* алифатие, ки дар таркиби қариб ҳамаи сафедаҳо вуҷуд дорад; Л.-ҳо аз ҳуҷайраҳои бадан ҳосил шуда, сафедаҳои бегонаро ҳал (об) мекунанд.

**ЛИ́ЗИНГ**, [англ. leasing]. Иҷораи дарозмуҳлати мошин, таҷҳизот, воситаҳои нақлиёт, иншооти истеҳсолӣ ва ғ.

**ЛИЗИНО́З**, [лот. lysinosis]. *тиб*. Бемории шуш, ки дар натиҷаи нафаскашӣ аз наххҳои пахта пайдо мешавад.

**ЛИ́ЗИС**, [< юн. lysis ҳал кардан]. **1**. *биол*. Обшавии ҳуҷайраҳо; вайроншавии таркиби бофтаҳо бо таъсири *ферментҳо, кислотаҳо*, ишқорҳо, намакҳо ва ғ. **2**. *тиб*. Тадриҷан паст шудани шиддати беморӣ.

**ЛИЗО...**, [< юн. lysis ҳал кардан]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки ҳал, вайрон, таҷзия кардан (шудан)-ро ифода мекунад, мас., *лизосомҳо*.

**ЛИЗОБАКТЕ́РИЯ**, [< *лизо...* + *бактерия*]. *биол*. Микробе, ки намудҳои дигари микробро ҳал ва нобуд мекунад.

**ЛИЗОГЕНИ́Я**, [< юн. lysis ҳал кардан + geneia пайдоиш]. *биол*. Қобилияти генетикии бактерияҳо, ки баъди сироятибевосита пас аз чанд насл вайрон шуда, *бактериофаг* ҷудо мекунанд.

**ЛИЗОСО́МҲО**, [< юн. lysis ҳал кардан + + soma бадан]. *биол*. Дар ҳуҷайраҳои растанӣ ва ҳайвонот – доначаҳои ферментдоре, ки дар таҷзия ва ҳал кардани сафедаҳо, кислотаҳои нуклеинӣ ва *липидҳо* иштирок менамоянд.

**ЛИЗОТСИ́М (ЛИЗОЦИ́М)**, [< юн. lysis ҳал кардан + syme туршондан]. *биол*. *Ферменте*, ки баъзе микроорганизмҳоро нобуд карда, ба паҳншавии *бактерияҳо* монеъ мегардад.

**ЛИКБЕ́З**, [< рус. ихтисоршудаи ликвидация безграмотности]. *таър*. Маҳви бесаводӣ; барномаи махсуси давлатӣ дар солҳои аввали Ҳокимияти Шӯравӣ, ки мақсади он зудтар саводнок кардани аҳолии бесавод буд.

**ЛИКВА́ТСИЯ (ЛИКВА́ЦИЯ)**, [< лот. liquatio гудозиш]. **1**. *геол*. Ба ду моеи таркибан гуногун ва бо якдигар омехтанашаванда ҷудо шудани тафтаи гудохтаи дар аввал якҷинса ҳангоми хунук шудани он. **2**. Дар металлургия – чандҷинса шудани таркиби химиявии хӯлаҳо ҳангоми табаллури (кристаллшавии) онҳо; *сегрегатсия* низ гӯянд.

**ЛИКВИДА́МБР, ЛИКВИДА́МБАР**, [лот. Liquidambar]. Дарахти ороишие, ки дар қитъаҳои Амрико ва Осиё мерӯяд; ҳангоми кафидани пӯсти он як навъ шира (*стиракс*) ҷудо мешавад, ки онро дар тиб ва атторӣ истифода мебаранд.

**ЛИКВИДӢ**, [< лот. liquidus моеъ, шоранда]. *тиҷ*. Бозоргир; осонфурӯш; в о с и т а ҳ о и Л . – мол, маҳсулот ё масолеҳи ба осонӣ фурӯхташаванда.

**ЛИКВО́Р**, [лот. liquor]. *физиол*. Моеи ҳароммағз, ки таркибаш ба таркиби *лимфа* монанд аст; дар ковокиҳои ҳароммағз ва мағзи сари ҳайвоноти муҳрадор ва одам вуҷуд дорад.

**ЛИКЕ́Й**, [юн. қад. Lyktion]. **1**. Мактаби фалсафии Юнони Қадим дар наздикии шаҳри Афина, ки с. 335 то мелод Арасту таъсис дода буд. **2**. Номи пештараи *литсей*.

**ЛИКЁ́Р**, [фр. liqueur]. Нӯшокии спиртии ширин, ки аз ширан мева, қиёми шакар ва гиёҳҳои хушбӯй тайёр карда мешавад.

**ЛИКОПО́ДИЙ**, [< юн. lykos гург + pus (podos) пой]. Хокаи зарди равғанини *спораи плаун* (як навъ алафи бегул), ки дар тиб асосан чун упои кӯдакона истифода мебаранд.

**ЛИКОПО́ДИУМ**, [< юн. lykos гург + pus (podos) пой]. Ниг. *плаун.*

**ЛИКОРЕ́КСИЯ**, [< юн. lykos гург + rexia иштиҳо]. Иштиҳои гургона; иштиҳои аз ҳад зӯр; иштиҳои «қозгир»; *лимоз* низ гӯянд.

**ЛИ́КТОР**, [лот. lictor]. Дар Юнони қадим – посбони фахрии шахси олимақом, ки ӯро дар ҳама ҷо мушоаят менамуд.

**ЛИКТРО́С**, [ҳол. lijktros]. Таноби сахти мулоим, ки ба лаби бодбони киштиҳо дӯхта мешавад.

**ЛИЛЕ́Я,** [лот. lilium]. Ниг. *лилия.*

**ЛИЛИПУ́Т**, [< англ. Liliput – аз номи мамлакати афсонавии Лилипутия, ки дар асари Ҷ. Свифт «Саёҳати Гулливер» тасвир ёфтааст]. Пакана; одамча.

**ЛИ́ЛИЯ**, [лот. lilium]. *бот.* Савсан; растании пиёзбех, ки танаи росту гулҳои калони зангӯламонанд дорад, инчунин гули ин растанӣ.

**ЛИМА́Н**, [юн. limen халич]. Халиҷи дарозу каҷу килеб, ки дар натиҷаи фурӯ нишастани қитъаҳои хушкии назди соҳил ва дар зери оби баҳр мондани сою водии дарёҳо ба вуҷуд меояд. || Мқс. бухта.

**ЛИМАСИ́Д (ЛИМАЦИ́Д)**, [< лот. limax тӯққумшуллук + caedo мекушам]. *хим.* Моддаи химиявӣ барои нест кардани нармбаданҳо. || Мқс. пестисид.

**ЛИМБ**, [юн. limbus зеҳ, шероза]. **1**. *геод., тех.* Зеҳи зовиясанҷ; ҳалқаи тунуки металлӣ, ки аломатҳои дараҷот дошта, барои чен кардани кунҷҳо истифода мешавад. **2**. *астр.* Ҳола; ҳошияи намоёни ҷирми осмонӣ.

**ЛИМЕНА́РХ**, [лот. limenapcha]. Дар Рими Қадим – сардори бандар; бандарсолор.

**ЛИ́МЕС, ЛИ́МА**, [юн. Limos]. Дар асотири юнониёни қадим – олиҳаи гуруснагӣ ва марг аз гуруснагӣ; ситоиш ва парастиш карда намешуд.

**ЛИМИ́Т**, [< лот limes ҳад]. Меъёр (миқдор)-и муайяни ниҳоӣ; меъёри маҳдуд; доира, ҳад.

**ЛИМИТА́ТСИЯ (ЛИМИТА́ЦИЯ)**, [< лот limes ҳад]. Меъёргузорӣ; ҳадгузорӣ; маҳдуд кардан; ҷорӣ (муқаррар) кардани *лимит.*

**ЛИМИТРО́ФҲО**, [< лот. limes сарҳад + юн. trophos таъминкунанда]. *таър.* **1**. Вилоятҳои наздисарҳадии империяи Рим, ки таъминоти ҳарҷонибаи сарҳадбононро ба ӯҳда доштанд. **2**. Давлатҳое, ки Антанта ва ИМА баъди Инқилоби Октябр дар сарҳадҳои ғарбии империяи Россия ташкил карда буданд (Латвия, Литва, Эстония, Полша ва Финляндия).

**ЛИМНИ́ГРАФ**, [< юн. limne кӯл + grapho менависам]. Асбоб барои сабт намудани тағйирёбии сатҳи об дар кӯлҳо, обанборҳо ва ғ.; *мареограф* низ гӯянд.

**ЛИМНОБИО́НТҲО**, [< юн. limne кӯл + bion сокин, бошанда]. Набототу ҳайвоноте, ки дар кӯлҳо зиндагӣ мекунанд.

**ЛИМНОЛО́ГИЯ**, [< юн. limne кӯл + *…логия*]. Кӯлшиносӣ; илме, ки пайдоиши кӯлҳо, хусусиятҳои химиявию физикӣ ва набототу ҳайвоноти онҳоро таҳқиқ мекунад.

**ЛИМНОФИ́ЛҲО**, [< юн. limne кӯл + phileo дӯст медорам]. Ниг. *лимнобионтҳо*.

**ЛИМО́З**, [лот. limosis]. Ниг. *ликорексия*.

**ЛИМО́Н**, [рус. < форс. лимӯ]. *гуфт., жарг.* Миллион рубли русӣ.

**ЛИМОНА́Д**, [фр. limonade < форс. лиму]. Нӯшокии ширине, ки аз шираи мева, хусусан лимӯ тайёр карда мешавад.

**ЛИМОНА́РИЙ**, [рус. < форс. лиму]. Лимӯхона; гармхонаи махсус барои парвариши лимӯ.

**ЛИМО́НКА**, [рус. < форс. лиму]. *Гранатаи* лимӯшакл.

**ЛИМУЗИ́Н**, [фр. limousine – аз номи вилояти Лимузени Фаронса]. Автомобили сабукрави болопӯшида, ки дар байни нишастгоҳҳои пешу ақибаш девори шишагӣ дорад.

**ЛИ́МФА**, [< лот. lympha намӣ]. *физиол.* Моддаи шаффофи беранг, ки аз плазмаи хун ҳосил мешавад; фазои байни ҳуҷайраҳоро пур карда, ба ҳуҷайраҳо ғизо медиҳад.

**ЛИМФАДЕНИ́Т**, [< *лимфа* + aden ғадуд]. *тиб.* Варами лимфегиреҳҳо (ғадудҳои лимфавӣ); *аденит* низ гӯянд.

**ЛИМФАНГИИ́Т, ЛИМФАНГИ́Т, ЛИМФАНГОИ́Т**, *тиб.* Варами рагҳои *лимфа.* || Мқс. лимфаденит.

**ЛИМФАНГИО́МА**, [< *лимфа* + *ангио…* + *…ома*]. *тиб.* Омоси некфарҷоми (безарари) рагҳои *лимфа.* || Мқс. ангиома.

**ЛИ́МФОГРА́НУЛЕМАТО́З**, [< *лимфа* + лот. granulum донача]. *тиб.* Омоси рагу ғадудҳои лимфавӣ, ки ҳангоми он ғадудҳои лимфавӣ ва испурч калон шуда, таблларза, арақшорӣ, хориши пӯст, лоғарӣ (*кахексия*) мушоҳида карда мешавад.

**ЛИМФОСИТО́З (ЛИМФОЦИТО́З)**, [< *лимфоситҳо*]. *тиб.* Афзоиши миқдори *лимфоситҳо* дар як воҳиди ҳаҷми хун бо таъсири баъзе бемориҳои сироятӣ ва бемориҳои хун.

**ЛИМФОСИ́ТҲО (ЛИМФОЦИ́ТҲО)**, [< *лимфа* + kytos ҳуҷайра]. *физиол.* Яке аз шаклҳои *агранулоситҳо* (*лейкоситҳои* ғайриғурӯшагӣ).

**ЛИН (ЛИНЬ)**, [ҳол. lijn]. **1**. Таноби борики киштӣ. || Мқс. буйреп. **2**. *зоол.* Моҳии сайдбоб аз оилаи капурҳо; дарозиаш то 0,6 м.

**ЛИНГАФОНӢ**, [< лот. lingua забон + ...*фон*]. Ҳуҷраи (*кабинети*) лингафонӣ – ҳуҷраи таълимии дорои таҷҳизоти махсуси овозӣ (*аудиоӣ*) ва тасвирӣ (*проексионӣ*) барои омӯзиши тарзи талаффузи овозҳои забонҳои хориҷӣ ва модарӣ.

**ЛИНГВИ́СТИКА**, [< лот. lingua забон ]. Забоншиносӣ; илм дар бораи забон.

**ЛИНГВИСТӢ**, [< *лингвистика*]. Мансуб ба забоншиносӣ (*лингвистика*); географияи Л. – илме, ки ҳудудҳои паҳншавии ҳар як ҳодисаи забониро таҳқиқ мекунад; омори Л. – соҳаи забоншиносӣ, ки қонуниятҳои миқдории нуткро бо ёрии усулҳои оморӣ меомӯзад.

**ЛИ́НГО**, [англ. lingo]. Нутқи ба аксари одамон нофаҳмо; *жаргон*.

**ЛИНЕАРИЗА́ТСИЯ (ЛИНЕАРИЗА́ЦИЯ)**[1], [< лот. linearis хаттӣ]. **1**. *мат.* Усули таҳлили вобастагиҳои ғайрихаттӣ, ки ҳангоми он ин вобастагиҳо чун вобастагиҳои хаттӣ баррасӣ карда мешаванд. **2**. *тех.* Усули тадқиқи системаҳои ғайрихаттии танзими автоматӣ, ки ҳангоми он системаи ғайрихаттӣ бо амсилаи (модели) хаттии он иваз карда мешавад.

**ЛИНЕАРИЗА́ТСИЯ (ЛИНЕАРИЗА́ЦИЯ)**[2], [< лот. linearis хаттӣ]. *збш., инф.* Дар системаҳои коркарди автоматии матнҳо ва тарҷумаи мошинӣ – ба тартиб даровардани унсурҳои ҷумла мувофиқи қоидаҳои ҷумласозии ин ё он забон.

**ЛИНЕ́ЙКА**[1], [< лот. lineo рост кардан]. **1**. Хат; рах. **2**. Хаткашак, ҷадвал, мистар. **3**. Саҳарҷамъ; як навъ ҷамъомади талабагон дар мактабҳои миёна, ки одатан пагоҳирӯзӣ пеш аз оғози дарс дар саҳни ҳавлии мактаб гузаронда мешавад.

**ЛИНЕ́ЙКА**[2], [< лот. lineo рост кардан]. Як навъ фойтуни дарози болокушодаи бисёрҷоя.

**ЛИ́НЕР**, [лот. liner]. Як навъ фломастери (ниг. *фломастер*) борикнавис.

**ЛИ́НЗА**, [< лот. lens наск, адас]. **1**. Шишаи шаффофи оптикии сатҳаш барҷаста ё фурӯхамида, ки дар дурбин, пурбин, заррабин ва ғ. истифода мешавад. || Мқс. лупа. **2**. *геол.* Хобиши адасӣ; тарзи хобиши ҷинсҳои кӯҳӣ, ки шаклан ба адас ё линзаи барҷаста монанд аст.

**ЛИНИМЕ́НТ**, [< лот. linire молидан]. *тиб.* Марҳам; номи умумии доруҳои моеъ ва ниммоеъ, ки ба захм ё ҷойҳои дардманди бадан мемоланд.

**ЛИНКО́Р**, [< рус. кӯтоҳшудаи линейный корабль]. Киштии калони зиреҳпӯши ҳарбӣ, ки бо тӯпҳо мусаллаҳ мебошад.

**ЛИ́НКОС**, [< лот. lingua забон + *космос*]. Забони кайҳонӣ; забони сунъии мантиқӣ, ки математики ҳолландӣ Г. Фрейдентал барои муошират бо намояндагони сайёраҳои дигар сохтааст.

**ЛИНКРУ́СТ**, [ол. Linkrusta < лот. linum матоъ + krusta пӯстлох]. Як навъ зардеворӣ – матоъ ё коғазе, ки рӯяш бо қабати тунуки пластмасса пӯшонда шудааст; барои рӯйкаш намудани деворҳо истифода мешавад.

**ЛИНО́ЛЕУМ**, [ол. Linoleum < лот. linum матоъ + oleum равған]. Матои ғафсу сахти обногузар, ки барои пӯшондани фарши хонаҳо истифода мебаранд.

**ЛИНОТИ́П**, [< лот. linea хат + typos нақш]. Дастгоҳи ҳуруфчинӣ; мошини сатррез.

**ЛИНТ**, [англ. lint]. Пати пахта, ки баъди ҷудо карда гирифтани наххҳои дарози пахта боқӣ мемонад.

**ЛИ́НТЕР**, [англ. linter]. Пахтазанак; мошини пахтатозакунӣ.

**ЛИ́НУКС**, [англ. linux]. *инф.* Системаи амалиётии компютерӣ (САК), ки бо назардошти ноқисиҳои САК-и «Виндоуз» (Windows) сохта шудааст.

**ЛИНЧ**, [англ. Lynch аз номи нажодпарасти амрикоӣ Ч. Линч]. Суди линч – суди ғайриқонунӣ; «говсуд»; қатл бо талаби издиҳом; Л.-ро нажодпарастони ИМА нисбати сиёҳпӯстон ба кор мебурданд.

**ЛИОНЕ́З**, [фр. lyonnaise]. Як навъ матои ғафси рахдори пахтагин, ки аз он одатан куртаи мардона медӯзанд.

**ЛИОФИЛИЗА́ТСИЯ (ЛИОФИЛИЗА́ЦИЯ)**, [< юн. lyo ҳал мекунам, озод мекунам + phileo дӯст медорам]. *хим., тех.* Усули бо ҳарорати паст хушкондани масолеҳу маҳсулоти намнок дар *вакуум*.

**ЛИ́ПА**, [< рус.]. Дарахти зерфун.

**ЛИПА́ЗҲО**, [< юн. lipos чарбу]. *хим., физиол. Ферментҳое*, ки *липидҳоро* ба *глитсерин* ва кислотаҳои чарбу ҷудо мекунанд; Л. дар организми одам, ҳайвонот ва растаниҳо вуҷуд доранд.

**ЛИПАРИ́Т**, [< ит. Lipari – аз номи ҷазираҳои Липарии баҳри Тиррен]. *маъд.* Ҷинси кӯҳии *эффузивӣ*, ки қисми асосии он аз шиша иборат мебошад; аз рӯи таркиби химиявӣ ба *гранит* шабоҳат дорад; дар шакли ҷараёни гудоза, гунбазҳои вулқонӣ, хокистартӯдаҳои вулқонӣ дучор мешавад; Л.-ро барои сангфарш кардани роҳ ва ҳамчун масолеҳи бинокорӣ истифода мебаранд.

**ЛИПИДО́З**, [лот. lipidosis]. *тиб., физиол.* Вайроншавии мубодилаи *липидҳо*.

**ЛИПИ́ДҲО**, [< юн. lipos чарбу, равған]. *хим., физиол.* Гурӯҳи моддаҳои органикие, ки аз чарбу ва моддаҳои чарбумонанд иборат буда, ба таркиби ҳамаи ҳуҷайраҳои зинда дохил мешаванд.

**ЛИПО́ИДҲО**, [< юн. lipos чарбу, равған + eidos намуд]. *хим., физиол.* Гурӯҳи моддаҳои чарбумонанди табиӣ; фосфатидҳо, стероидҳо ва ғ.-ро дар бар мегиранд.

**ЛИПОКАИ́Н**, [< юн. lipos чарбу, равған + kaio месӯзонам]. *физиол. Гормони* ғадуди зери меъда, ки дар танзими мубодилаи чарбуҳо дар ҷигар иштирок мекунад; доруи Л. барои муолиҷаи бемориҳои ҷигар ва қанд (*диабет*) истифода мешавад.

**ЛИПО́МА**, [< юн. lipos чарбу, равған + *…ома*]. *тиб.* Омоси некфарҷом, ки аз бофтаҳои чарбу иборат аст. || Мқс. аденома, бластома.

**ЛИПОПРОТЕИ́ДҲО**, [< юн. lipos чарбу, равған + *протеидҳо*]. *физиол., хим.* Гурӯҳи сафедаҳои мураккаб (*протеидҳо*), ки аз *липидҳо* иборатанд; дар *плазмаи* хун ва бофтаҳои асаб вуҷуд доранд.

**ЛИПОСА́КСИЯ (ЛИПОСА́КЦИЯ)**, [< юн. lipos чарбу, равған + лот. succus намӣ]. Аз бадан гирифта партофтани қабатҳои чарбуи зиёдатӣ.

**ЛИПОФУСТСИ́Н (ЛИПОФУСЦИ́Н)**, [< юн. lipos чарбу, равған + лот. fuscus сиёҳ]. *физиол., хим.* Пигменти зарди сиёҳтобе, ки қариб дар ҳамаи узвҳои одам ва ҳайвоноти муҳрадор вуҷуд дорад; асосан дар пиронсолӣ, инчунин ҳангоми бемориҳои абгоркунанда дар ситоплазма ҷамъ мешавад.

**ЛИ́РА[1]**, [юн. lyra]. **1**. Асбоби мусиқии тории юнониёни қадим. || Мқс. арфа, гитара. **2**. *маҷ.* Рамзи илҳоми шоирона ва эҷоди назм. **3**. Асбоби мусиқии тории ҳофизони халқии украин ва беларус. || Мқс. балалайка, бандура.

**ЛИ́РА[2]**, [юн. lyra]. **1**. *астр.* Бурҷи Санҷ (дар Нимкураи Шимолӣ). || Мқс. андромеда. **2**. *зоол.* Лирадум; парандае аз оилаи гунҷишкҳо, ки дар Австралия зиндагӣ мекунад; думаш ба *лира* (маънои 1) монанд аст ва номаш аз ҳамин ҷост.

**ЛИ́РА[3]**, [ит. lira]. Воҳиди пули Италия (то гузаштан ба евро), ки ба 100 сентезимо баробар аст; воҳиди пули Туркия, ки ба 100 куруш баробар аст.

**ЛИРИ́ЗМ**, [< *лирика*]. **1**. Дар асарҳои адабиёт ва санъат – ҳиссиёти баланд, ҳаяҷоннокӣ, самимият, тасвирҳои муассир. **2**. Рӯҳияи лирикӣ.

**ЛИ́РИК**, [< *лирика*]. **1**. Муаллифи асарҳои лирикӣ. **2**. *маҷ.* Шахсе, ки ҳиссиёти нозук дошта, ба олами воқеӣ аз дидгоҳи лирикӣ назар мекунад; баръакси «*физик*».

**ЛИ́РИКА**, [< юн. lyrikos лиранавоз]. **1**. *адш.* Яке аз се ҷинси адабӣ (дар қатори *эпос* ва *драма*) – назме, ки бештар рӯҳияи худи шоир ва ҳаяҷону ҳиссиёти ботинии ӯро акс мекунад. **2**. *адш.* Маҷмуи асарҳои ҳамин намуди назм. **3**. *маҷ.* Бартарии унсурҳои ҳиссиёт бар ақлу идрок.

**ЛИРИКӢ**, [< *лирика*]. **1**. Мансуб ба лирика (ба маънои 1). **2**. Ҳиссиётнокӣ; ҳаяҷоннокӣ, эҳсосӣ. **3**. Дар сурудхонӣ – овози маҳину нозук (баръакси овози драмавӣ). **4**. *адш.* Р у ҷ у и  л и р и к ӣ – аз тасвири воқеаҳои асар боз истода, фикру мулоҳиза ва ҳиссиёту ҳаяҷони худро баён кардани шоир ё нависанда.

**ЛИРИОДЕ́НДРОН**, [< *лира* + юн. dendron дарахт]. Лоладарахт; дарахти лолагул; дарахте аз оилаи *магнолияҳо*, ки гулҳои лолашакл дорад; дар Амрикои Шимолӣ ва Хитой мерӯяд.

**ЛИ́СЕЛ (ЛИ́СЕЛЬ),** [ҳол. lijzeil]. Бодбони иловагии киштӣ, ки ҳангоми суст будани бод бардошта мешавад.

**ЛИСТЕ́РИЯҲО,** [< юн. қад.]. Ҷинси бактерияҳои чӯбчашакл, ки боиси *листериози* одам ва ҳайвон мегарданд.

**ЛИСТЕРИО́З, ЛИСТЕРЕЛЛЁЗ,** [лот. listerellosis]. *тиб*. Бемории сироятии одам ва ҳайвонот, ки *листерияҳо* бармеангезанд; пеш аз ҳама ба системаи марказии асаб зарар мерасонад.

**ЛИ́СТИНГ,** [англ. listing]. 1. *инф*. Дар *принтер* чоп кардани матни компютерӣ. **2**. *тиҷ*. Ба биржа роҳ (иҷозат) додани коғазҳои қиматнок.

**ЛИТ,** [лит. lit]. Воҳиди пули Литва, ки ба 100 сент баробар аст.

**...ЛИТ[1],** [< юн. lithos санг]. Қисми аввал ё охири калима, ки бо санг робита ё шабоҳат доштанро ифода мекунад, мас., *литоглифика, палеолит.*

**...ЛИТ[2],** [< юн. lytos ҳалшаванда]. Қисми калимаҳои мураккаб, ки маънои ҳалшавӣ, вайроншавӣ, таҷзияшавиро ифода мекунад, мас., *электролит.*

**ЛИТА́ВРА, ЛИТА́ВРҲО,** [юн. polytaurea]. Нақора; табл.

**ЛИТА́НИЯ,** [< юн. litaneia илтиҷо, хоҳиш]. **1**. Намози католикӣ – дуоҳое, ки якҷоя бо розу ниёз ва муноҷот дар маъракаҳои ботантанаи динӣ хонда мешаванд. **2**. *маҷ*. Рӯихати дарози дилгиркунанда; шикояти беохир.

**ЛИ́ТЕР,** [< лот. littera ҳарф]. *кӯҳна*. Ҳуҷҷат барои бепул ё бо нархи арзон савор шудан ба поезд, киштӣ ва ғ.

**ЛИ́ТЕРА,** [< лот. littera ҳарф]. *кӯҳна*. **1**. Ҳарф. **2**. Дар матбаа – сабикаи металлӣ, чӯбӣ ё пластмассӣ, ки дар рӯи он расми барҷастаи ҳарф тасвир ёфтааст.

**ЛИ́ТИЙ,** [< юн. lithos санг]. Элементи химиявӣ, рамзаш Li; металли сабуки ишқордор, рангаш сафеди нуқрафом; дар энергетикаи ядроӣ, металлургия, саноати шиша ва соҳаҳои диг. истифода мебаранд.

**ЛИТО**..., [< юн. lithos санг]. Ниг. *...лит*[1].

**ЛИТОГЕНЕ́З, ЛИТОГЕНЕ́ЗИС,** [< *лито... + ...генез*]. *геол*. Маҷмуи равандҳои табиие, ки боиси пайдоиш ва тағйироти минбаъдаи ҷинсҳои таҳшини кӯҳӣ мегарданд.

**ЛИТОГЛИ́ФИКА,** [< юн. lithos санг + glyphe ҳаккокӣ]. Ҳаккокии рӯи санг.

**ЛИТОГРА́ФИЯ,** [< юн. lithos санг + glyphe ҳаккокӣ]. **1**. Чопи сангӣ; усули чопи матн ё сурат, ки ҳангоми он ранги ба болои қолаби ҳамвори сангӣ молидашуда зери фишор ба рӯи коғаз мегузарад. **2**. Матн ё сурати бо чунин усул чопшуда. **3**. Корхонаи чопи сангӣ.

**ЛИТОЛО́ГИЯ,** [< юн. lithos санг + *...логия*]. **1**. *геол*. Илм дар бораи сохт, таркиб, пайдоиш ва тағйироти ҷинсҳои таҳшини кӯҳӣ. **2**. *тиб*. Илм дар бораи пайдоиши сангҳои бадан.

**ЛИТОМЕ́ТР,** [< юн. lithos санг + *...метр*]. Асбоб барои муайян кардани андозаи сангҳои бадан.

**ЛИТОМУРА́ТСИЯ (ЛИТОМУРА́ЦИЯ),** [< юн. lithos санг + лот. murus девор]. *геол.*, *биол.* Зинда ба зинда гӯр шудан организмҳо ҳангоми ташаккул ёфтани ҷинсҳои кӯҳӣ. || Мқс. биомуратсия, иммуратсия.

**ЛИТОПО́Н,** [< юн. lithos санг + лот. ponere гузоштан, истифода кардан]. *хим. Пигменти* сафед, омехтаи сулфиди руҳ ва сулфати барий; барои тайёр кардани ранг, резин, пластмасса ва ғ. истифода мебаранд.

**ЛИТОРА́Л (ЛИТОРА́ЛЬ),** [< лот. litoralis соҳилӣ]. *геол.* Минтақаи қаъри баҳр, ки ҳангоми мад(д) зери об монда, ҳангоми ҷазр хушк мешавад.

**ЛИТОСКО́П,** [< юн. lithos санг + *…скоп*]. Асбоб барои ёфтани санги масона; асбоби сангбин.

**ЛИТОСФЕ́РА,** [< *лито…* + *сфера*]. *геол.* Қишри Замин; қабати болоии сахти Замин, ки дар болои *мантия* ҷойгир шудааст. || Мқс. атмосфера, гидросфера.

**ЛИТОТА́МНИЯҲО**, [< *лито…* + юн. thamnos бутта]. Обсабзҳои сурхе, ки дар баҳрҳои гарм мерӯянд.

**ЛИТОТРИПСИ́Я,** [< *лито…* + thrypsis майда (реза) кардан]. *тиб.* Майда карда, резондани санги гурда.

**ЛИТОФА́НИЯ,** [< юн. lithos санг + phanos шаффоф, равшан]. **1**. Маснуоти ороишие, ки аз фағфури (чинии) хом тайёр карда мешавад. **2**. Усули тайёр кардани чунин маснуот.

**ЛИТОФИ́ТҲО,** [< *лито…* + юн. phyton растанӣ]. *бот.* Растаниҳое, ки дар танаи шаххо ва харсангҳо мерӯянд.

**ЛИТР,** [фр. litre]. Воҳиди ҳаҷм ва гунҷоиш (зарфият); бо л ифода мешавад; 1 л ба 1 $дм^3$, ё ба 0,001 $м^3$ ва ё ба як кг оби холис баробар аст.

**ЛИТРА́Ж,** [фр. litrage]. Ҳаҷм ё гунҷоиши ягон зарф ба ҳисоби *литр*, мас., Л.-и чалак.

**ЛИТСЕ́Й (ЛИЦЕ́Й),** [< юн. Lykeion]. **1**. Мактаби фалсафӣ дар боғи назди ибодатгоҳи Апполони Ликеӣ дар наздикии Афина, ки Арасту дар он ҷо дарс медод; ниг. *ликей*. **2**. Мактаби имтиёзноки мардона барои фарзандони дворянҳо дар Россияи подшоҳӣ, ки мансабдорони давлатӣ тайёр мекард. **3**. Мактаби миёнаи умумӣ дар баъзе мамлакатҳо. || Мқс. гимназия, коллеҷ.

**ЛИТСЕ́НЗИЯ (ЛИЦЕ́НЗИЯ),** [< лот. licentia иҷозат, рухсат]. Иҷозатномаи махсус барои ворид ё содир кардани мол, инчунин барои иҷрои ягон намуди фаъолият, мас., истихроҷи маъдан, шикор, фурӯши машруботи спиртӣ ва ғ.

**ЛИТСЕНСИА́Т (ЛИЦЕНЦИА́Т),** [< лот. licentiatus мураххас]. **1**. *таър.* Дар донишгоҳҳои асримиёнагӣ – муаллиме, ки ҳанӯз то ҳимояи рисолаи докторӣ ҳуқуқи лексияхонӣ гирифтааст. **2**. Дар баъзе мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ ва Амрикои Лотинӣ – нахустин унвони илмие, ки ба донишҷӯён дар соли сеюм ё чоруми таҳсил дода мешавад; чунин унвон ба онҳо ҳуқуқи дар мактаби миёна дарс гуфтан медиҳад.

**ЛИТСЕ́НСИЯ (ЛИЦЕ́НЦИЯ),** [лот. licentia]. *адш., збш.* Дар назм – дур шудан аз қоидаҳои эътирофшудаи грамматикӣ ва услубӣ ба хотири маънӣ ё вазну қофия.

**ЛИТТОРИ́НҲО,** [< лот. litoralis соҳилӣ]. Ҷинси нармбаданҳои (моллюскҳои) хӯрданбоб, ки дар минтақаҳои мадду ҷазри баҳр зиндагӣ мекунанд.

**ЛИТУ́РГИКА,** [< юн leiturgeo ибодат мекунам]. Илми фиқҳ; илм доир ба аҳкоми дин.

**ЛИТУРГИ́Я,** [< юн. leiturgeo ибодат мекунам]. Ибодати нисфирӯзии насрониён.

**ЛИТУРЕ́З,** [лот. lithuresis]. *тиб.* Бо пешоб хориҷ шудани сангҳои майда.

**ЛИФ,** [ҳол. lijf]. Қисми либоси занона аз миён то болои сина.

**ЛИФТ,** [англ. lift]. Осонсур; мошини барофуро дар иморатҳои серошёна.

**ЛИ́ФТИНГ,** [англ. lifting]. Амалиёти ҷарроҳии косметикӣ барои кашида таранг кардани пӯст ва ҳамвор намудани ожангҳо.

**ЛИ́ФЧИК,** [< ҳол. lijf]. Ниг. *бюстгалтер.*

**ЛИХЕНОЛО́ГИЯ,** [< лот. lichen ушна, гулсанг +*...логия*]. *бот.* Гулсангшиносӣ; соҳаи *ботаника*, ки гулсангҳоро меомӯзад.

**ЛИ́ХТЕР,** [ҳол. lichter]. Як навъ киштии хурди боркаш, ки асосан дар бандарҳо истифода мешавад.

**ЛЙЕ (ЛЬЕ),** [фр. lieue]. Воҳиди қадимии дарозӣ дар Фаронса, ки ба 4,444 км (дар баҳр ба 5,556 км) баробар аст.

**ЛКСМ,** [< рус. – кӯтоҳшудаи Ленинский Коммунистический Союз Молодежи]. *таър.* Номи ташкилот дар СССР – Иттифоқи Ленинии Коммунистии Ҷавонон; то барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ (с.1991) вуҷуд дошт.

**ЛО́ББИ,** [англ. lobby]. Гурӯҳи намояндагони ягон сохтори бонуфузи иқтисодӣ ё ягон ташкилоти ҷамъиятӣ (мас., ҳизб, иттифоқи касаба), ки ба ҳокимияти давлатӣ таъсир расонда метавонанд.

**ЛОББИ́ЗМ,** [< англ. lobby]. Лоббигарӣ; фишор овардан ба ҳокимияти давлатӣ (вакилони мардумӣ, ҳукумат ва ғ.) бо мақсади қабули ин ё он ҳуҷҷат ё иҷрои ин ё он амал; ба маънои васеъ – ҳама гуна фаъолият ба манфиати гурӯҳи муайяни аҳолӣ ва, аксари вақт, бар зарари гурӯҳҳои дигар.

**ЛОБЕ́ЛИЯ,** [англ. Lobelia]. *бот.* Ҷинси алаф, нимбутта ё буттаҳои намидӯсте, ки дар минтақаҳои тропикӣ ва субтропикӣ мерӯянд; дар таркибаш алколоиди лобелин дошта, дар дорусозӣ истифода мешавад.

**ЛО́БЗИК,** [ол. Laubsage]. Симарра; аррачаи дастӣ барои буридани ҳар хел нақшҳо аз чӯб ё ягон масолеҳи мулоими диг.

**ЛО́БИО,** [гурҷ. lobio < форс лӯбиё]. Як навъ таоми гурҷӣ – лӯбиёи бо пиёзу помидор ва маҳсулоти диг. пухташуда.

**ЛОБОТОМИ́Я,** [< юн. lobos қисм, ҳисса + tome буридан]. *тиб.* Бо роҳи ҷарроҳӣ бурида партофтани қисми муайяни мағзи сар бо мақсади табобати баъзе бемориҳои рӯҳӣ.

**ЛОВЕЛА́С,** [< англ. Lovelace – аз номи қаҳрамони романи нависандаи англис С. Ричардсон «Кларисса Гарлоу»]. Занакбоз, занакабоз; булҳавас. || Мқс. Дон-жуан.

**ЛО́ВЕРДЕ́К,** [англ. lower deck]. Саҳни поёнии киштӣ.

**...ЛОГ,** [< юн. logos илм]. Қисми охири калимаҳои мураккаб, ки инҳоро ифода мекунад: 1) мутахассиси ягон соҳаи илм ё фаъолият, мас., *биолог, филолог.* 2) муҳокима, суҳбат, мас., *диалог, монолог.*

**ЛОГАРИ́ФМ,** [< юн. logos илм, мафҳум, муносибат + arithmos адад]. *мат.* Адади $N$ аз рӯи асоси $a$, нишондиҳандаи дараҷаи $m$, ки барои ҳосил кардани $N$ адади $a$ (асоси Л.)-ро $m$ маротиба дараҷабардорӣ кардан лозим аст; ишораташ $log_aN$.

**ЛО́ГГЕР,** [< ҳол.]. Ниг. *дрифтер.*

**ЛО́ГИКА,** [< юн. logos илм, мафҳум, муносибат]. Илми мантиқ; илм дар бораи қонунҳои тафаккур ва шаклҳои он.

**ЛОЃИН,** [англ. login]. *инф.* Ном барои бақайдгирӣ, ки истифодабаранда ҳангоми воридшавӣ ба шабакаи компютерӣ ё ба ягон *сервери* муайян хабар медиҳад.

**ЛОГИ́СТИКА[1],** [< юн. logos илм, мафҳум, муносибат]. **1**. Мантиқи математикӣ. **2**. Яке аз равияҳои фалсафии математика, ки математикаро бо мантиқ (*логика*) як мешуморад.

**ЛОГИ́СТИКА[2],** [англ. logistics]. Таъминоти моддию техникии корхона, муассиса, ширкат ва ғ.

**ЛОГИТСИ́ЗМ (ЛОГИЦИ́ЗМ),** [< *логика*]. Равияе дар математикаи асрҳои 19 – 20; математикаро чун илми соф таҳлилие медонист, ки ҳамаи мафҳумҳои онро дар доираи мантиқи *дедуктивӣ* муайян кардан мумкин аст; мавқеи Л. нодуруст бошад ҳам, он ба рушди минбаъдаи мантиқи математикӣ мусоидат намуд.

**...ЛОГИЯ,** [< юн. logos илм]. Қисми охири калимаҳои мураккаб, ки илм, фан, таълимотро ифода мекунад, мас., *зоология, филология.* || Мқс. ...графия.

**ЛОГОГРА́ММА,** [< юн. logos калима, мафҳум, илм + *...грамма*]. *збш.* Аломати хаттие, ки як калимаи томро ифода мекунад.

**ЛОГОГРА́ФҲО,** [< юн. logos калима, мафҳум, сухан + *...граф*]. Нахустин нависандагони насри таърихӣ дар Юнон, ки устураю афсонаҳои шифоҳиро ҷамъ карда, дар шакли китоб менавиштанд.

**ЛОГОГРИ́Ф,** [< юн. logos калима, мафҳум, сухан + griphos чистон, луғз]. Навъи муаммо, ки барои кушодани он калимаи нуҳуфтаро ёфта, аз он бо роҳи кам, зиёд ё иваз намудани ҳарфҳо калимаи нав сохтан лозим меояд.

**ЛОГО́МЕТР,** [< юн. logos муносибат, мафҳум + ...*метр*]. *тех.* Асбоби андозагирӣ барои муайян кардани нисбати қувваи ду ҷараёни электрӣ.

**ЛОГОПА́ТИЯ,** [< юн. logos нутқ, калима, сухан + pathos беморӣ]. *тиб.* Нуқсони нутқ (лакнати забон, сақавӣ ва ғ.).

**ЛОГОПЕ́Д,** [< *логопедия*]. Мутахассиси *логопедия.*

**ЛОГОПЕ́ДИЯ,** [< юн. logos нутқ, калима, сухан + paideia таълим]. Соҳаи нуқсоншиносӣ (*дефектология*), ки нуқсонҳои нутқ ва роҳҳои пешгирию муолиҷаи онҳоро меомӯзад.

**ЛО́ГОС,** [< юн. logos мафҳум, ақл, хирад]. *фалс.* **1**. Дар фалсафаи Юнони Қадим (Гераклит) – қонунияти умумӣ. **2**. Дар фалсафаи идеалистӣ – мабдаи рӯҳӣ, хиради ҷаҳонӣ, идеяи мутлақ.

**ЛОГОТЕРАПИ́Я,** [< юн. logos нутқ, калима, сухан + *терапия*]. *тиб.* Сухандармонӣ; муолиҷа бо сухан, талқин.

**ЛОГОТИ́П**, [< юн. logos калима + typos нақш]. **1**. Дар матбаа – тахтачае, ки дар рӯяш калимаю иборҳои зуд-зуд истифодашаванда сабт шудаанд; ҳангоми ҳуруфчинии дастӣ ба кор мебаранд. || Мқс. литера. **2**. Тамғае, ки дар он номи ширкат, ташкилот, корхона сабт ёфтааст.

**ЛОГОФЕ́Т,** [юн. logothetes]. *таър.* Дар Византия – амалдори калони давлатӣ, ки ба корҳои молия ва андоз мутасаддӣ буд.

**ЛОГОФО́БИЯ,** [< юн. logos нутқ, калима, сухан + ...*фобия*]. *тиб.* Тарс аз гап задан, нутқ кардан.

**ЛО́ҶИЯ (ЛО́ДЖИЯ),** [ит. loggia]. Пешайвони болохона, ки дар қисми пеши иморат сохта шудааст; айвони нимкушод дар ошёнаҳои болоии иморат. || Мқс. балкон.

**ЛО́ЖА[1],** [фр. loge]. **1**. Дар толори театр, консерт ва ғ. – ҷои махсус барои якчанд нафар (мас., барои кормандони ҳукумат, матбуот ва ғ.), ки аз ҷойҳои дигар бо тавора ё девори паст ҷудо карда шудааст. || Мқс. амфитеатр, балкон. **2**. *геол.* Л о ж а и у қ ё н у с – яке аз унсурҳои асосии релйеф ва сохти геологии Замин, ки тахминан дар чуқурии 4 км ҷойгир шудааст.

**ЛО́ЖА[2],** [фр. loge]. Л о ж а и м а с о н ӣ – шуъбаи ташкилоти масонӣ, инчунин маҷлисгоҳи махфии *масонҳо.*

**ЛОЖЕМЕ́НТ,** [фр. logement]. **1**. *ҳарб, куҳна.* Хандақи хурд. **2**. Ҷиҳози танбашакл барои мустаҳкам нигоҳ доштани мошин ё ҳар гуна борҳои калонҳаҷм дар воситаҳои нақлиёт, мас., дар *паром, вагон* ва ғ. **3**. Курсии махсуси ҳавонаворд (*лётчик*) ва кайҳоннаворд.

**ЛО́ЗУНГ,** [ол. Losung]. **1**. То асри XX – номи шаб (ниг. *парол*). **2**. Шиори даҳонӣ ё хаттӣ. || Мқс. плакат, транспарант.

**ЛОКАЛИЗА́ТСИЯ (ЛОКАЛИЗА́ЦИЯ),** [< лот. localis маҳаллӣ]. **1**. Дар ягон мавзеъ ё мавқеи муайян ҷой гирондани чизе. **2**. Маҳдуд намудани доираи паҳншавии ягон чиз, мас. сӯхтор, бемори ва ғ.

**ЛОКАЛӢ,** [< лот. localis]. Маҳаллӣ, мавзеӣ; аз ҳудуди муайян набароянда; маҳдуд.

**ЛОКАТИ́В,** [лот. locativus]. *збш.* Ҳолати (*падежи*) макон дар баъзе забонҳо, мас. дар заб. русӣ.

**ЛОКА́ТОР,** [< *локатсия*]. Таҷҳизот барои муайян кардани ҷои воқеъшавии ин ё он объект (*локатсия*). || Мкс. гидролокатор, пеленгатор.

**ЛОКА́ТСИЯ (ЛОКА́ЦИЯ),** [лот. locatio воқеъшавӣ]. *тех., ҳарб.* Муайян кардани ҷои воқеъшавии ин ё он объект аз рӯи мавҷҳои радиоӣ, овозӣ ё электромагнитие, ки ин объект аз худ хориҷ ё акс мекунад. || Мкс. гидролокатсия, пеленгатсия.

**ЛОКА́УТ,** [англ. lock out бастани дар]. Бастани корхона ва аз кор рондани ҳамаи коргарон бо мақсади пешгирии корпартоӣ.

**ЛОКАЯ́ТА,** [< санск. «вирди забонҳо»]. Равияи материалистӣ дар фалсафаи Ҳиндустони Қадим, ки ба «Ведаҳо» муқобил баромада буд; ба ақидаи пайравони Л., манбаи ягонаи ҳақиқии маърифат эҳсосот аст; Л. мавҷудияти Худо, рӯҳ, *карма* ва таносухро рад менамуд; шакли қадимтари Л.-ро *чарвака* меноманд́.

**ЛО́КО,** [ит. loco < лот. locus маҳал]. **1**. Яке аз шартҳои паймони хариду фурӯш, ки мувофиқи он хароҷоти ҳамлу нақл ба нархи мол намедароянд. **2**. Яке аз шартҳои паймони хариду фурӯши асъори хориҷӣ ё коғазҳои қиматнок; мувофиқи он ҳисоббаробаркунӣ бо пули нақд дар худи ҳамон *биржае* амалӣ карда мешавад, ки паймон дар ҳамон ҷо баста шудааст.

**ЛОКОМОБИ́Л,** [< лот. locus маҳал + mobilis ҳаракаткунанда]. Мошини бо буғ коркунанда, ки мошину механизмҳои гуногуни дигарро ба ҳаракат медарорад.

**ЛОКОМОТИ́В,** [< лот. locus маҳал + motio ҳаракат]. Номи умумии мошинҳое, ки бо роҳи оҳан вагонҳоро мекашанд (аз қабили *паровоз, тепловоз, электровоз*).

**ЛОКОМО́ТСИЯ (ЛОКОМО́ЦИЯ),** [< лот. locus маҳал + motio ҳаракат]. *биол.* Маҷмуи амалҳои ба ҳам мувофиқ, ки бо ёрии онҳо ҳайвонот ва одам дар фазо фаъолона аз ҷое ба ҷое ҳаракат мекунад; намудҳои Л.: роҳгардӣ, парвоз, шиноварӣ ва ғ.

**ЛО́КОН,** [< ол. Locke]. Зулф; қабзаи мӯи печон ё ҷингила.

**ЛОКСОДРО́МИЯ, ЛОКСОДРО́МА,** [< юн. loxos каҷ + dromos роҳ]. *геод.* Хати морпеч (*спиралӣ*) дар сатҳи кура ё ягон чизи даврзананда, ки ҳамаи хатҳои тӯлро (*меридианҳоро*) зери кунҷи доимӣ бурида мегузарад ва бо ҳар даврзанӣ ба қутб наздиктар мешавад.

**ЛО́КУС,** [< лот. locus ҷой, маҳал]. *биол.* Ҷои воқеъшавии ин ё он *ген* дар *хромосома.*

**ЛОЛЛА́РДҲО,** [англ. lollards]. *таър.* Мубаллиғони мардумӣ, иштирокчиёни ҳаракати зиддикатоликӣ, ки аввал дар Антверпен (дар асри 14) пайдо шуданд, сипас дар тамоми

Аврупои Ғарбӣ, хусусан дар Англия паҳн гардида, барои Ислоҳот замина тайёр мекарданд.

**ЛОМБА́РД,** [ол. Lombard – аз номи вилояти Ломбардияи Италия]. Гаравхона; муассисае, ки моли манқули одамонро ба муҳлати муайян ба гарав гирифта, пул қарз медиҳад.

**ЛО́МБЕР,** [фр. l'hombre < исп. hombre одам]. Як навъ қартабозии ғайриқимор, ки дар он се кас иштирок мекунад.

**ЛОМБЕРӢ,** [< *ломбер*]. М и з и   л о м б е р ӣ – мизи чоркунҷаи болояш моҳутпӯш барои қартабозӣ.

**ЛОНГЕ́Т, ЛОНГЕ́ТА,** [< лот. linearis хаттӣ]. Докаи тасмашакли чандқабата, ки ба рӯяш гаҷ (*гипс*) молида шудааст; дар тиб барои ноҷунбон нигоҳ доштани узвҳои шикаста истифода мебаранд. || Мқс. бинт, шина.

**ЛОНГ-ЛИСТ**, [англ. long list < long дароз + list феҳрист, рӯихат]. Рӯихат, номгӯи асарҳое, ки ба озмун роҳ дода шудаанд.

**ЛОНГСЕ́ЛЛЕР,** [англ. longseller < long дароз + sell харидор доштан]. Китоб, филм, пйеса ва м. инҳо, ки солҳои зиёд маъруфияти худро гум накардааст ва хонандагону тамошобинони сершумор дорад. || Мқс. бестселлер.

**ЛО́НЖА,** [фр. longe]. **1**. Ниг. *корда*. **2**. Танобе, ки дорбозон барои наафтидан ва шиноварон барои ғарқ нашудан ба миёнашон мебанданд.

**ЛОНЖЕРО́Н,** [фр. longeron]. Тири тӯлӣ дар автомобил, трактор, ҳавопаймо ва ғ.

**ЛО́ОС,** [юн. қад. loos]. Номи моҳ дар тақвими македониҳои қадим, ки тахминан ба моҳи август рост меояд.

**ЛО́ПАР (ЛО́ПАРЬ),** [< ҳол. lopen давидан, гурехтан]. Қисми охири тал (ниг. *тал*) ё, умуман, ҳама гуна унсури дигари мустаҳками киштӣ, ки ба он симтаноб баста, киштиро кашола мекунанд.

**ЛОРД,** [англ. lord]. **1**. Дар Англияи асрҳои миёна – заминдори калон. || Мқс. феодал. **2**. унвони умумии авлодии дворянҳои олимартаба дар Британияи Кабир; ин унвон аз асри 19 сар карда ба ходимони намоёни илму фарҳанг низ дода мешавад. **3**. Қисми таркибии унвони расмии баъзе мансабҳои олӣ дар Англия, мас. *лорд-канслер*.

**ЛОРД-КА́НСЛЕР (ЛОРД-КА́НЦЛЕР),** [< *лорд* + *канслер*]. Раиси *палатаи* лордҳо ва раиси суди олӣ дар Британияи Кабир.

**ЛОРД-МЭР,** [< *лорд* + *мэр*]. Раиси шаҳр; сардори *мунисипалитет* дар Лондон ва баъзе шаҳрҳои дигари Британия.

**ЛОРДО́З,** [< юн. lordos хамида]. *тиб*. Қаҷ шудани сутунмуҳра ва ба пеш ҷаста баромадани он; баръакси *кифоз*.

**ЛО́РИ**[1], [англ. lory]. Ҷинси маймуни чашмкалон, ки дар Осиёи Ҷанубӣ-Шарқӣ ва Африқо зиндагӣ мекунад.

**ЛО́РИ**[2], [англ. lory]. Парандае аз оилаи тӯтиҳо, ки дар Филиппин, Тасмания ва Австралия паҳн шудааст; пату болҳои рангин дорад, дарозиаш аз 14 то 40 см. || Мқс. ара, какаду.

**ЛОРИКА́Т,** [фр. loricatus]. *зоол. Моллюски* баҳрии ҷавшандор; *хитон* низ гӯянд.

**ЛОРНЕ́Т,** [фр. lornette]. Айнаки қатшавандаи дастадор. || Мқс. пенсне.

**ЛОСЙО́Н (ЛОСЬО́Н),** [фр. lotion < лот. lotio шустан]. Моеи мушкин барои нигоҳубин ва беҳдошти пӯст.

**ЛО́РО-КО́НТО,** [ит. loro conto суратҳисоби онҳо]. *мол., тиҷ.* Суратҳисоби муросилие, ки (ниг. суратҳисоби *корреспондентӣ*) бонк ба бонк-корреспондент (ниг. *корреспондент* ба маънои 3) мекушояд.

**ЛОТ**[1], [< ҳол. lood]. Умқсанҷ; асбоб барои аз болои киштӣ чен кардани чуқурии баҳр.

**ЛОТ**[2], [< фр. lot қуръа, бурд]. *тиҷ.* Дар савдои музояда – миқдори муайяни мол, ки ба фурӯш гузошда мешавад; одатан бо рақам ифода мекунанд.

**ЛОТ**[3], [ол. Lot]. Ченаки вазн дар Россияи подшоҳӣ, ки тахминан ба 13 г баробар буд.

**ЛОТЕРЕ́Я**, [< фр. lot қуръа, бурд]. Шакли ихтиёрӣ ҷалб намудани маблағҳои аҳолӣ бо роҳи фурӯши *билетҳо*; қисми маблағи ҷамъшуда чун бурди пулӣ ё молӣ ба аҳолӣ баргардонда мешавад.

**ЛОТО́,** [фр., ит. loto]. Бозӣ бо қартаҳо ва саққочаҳо ё чалакчаҳои рақамдор (аз 1 то 90); як бозигар рақамҳоро бо навбат аз халта бароварда эълон мекунад ва бозигарони дигар дар қартаҳои худ рӯи рақамҳои эълоншударо мепӯшонанд; касе, ки аз ҳама пеш як ё якчанд қатори рақамҳоро пӯшонад, ғолиб ҳисоб меёбад.

**ЛО́ТОС,** [юн. lotos]. *бот.* Нилуфар.

**ЛО́ТСИЯ (ЛО́ЦИЯ),** [< ҳол. lodsen киштӣ рондан]. **1**. Илми киштиронӣ; маҷмуи қоидаҳои киштиронӣ дар баҳру уқёнусҳо. **2**. Тавсифи муфассали роҳҳои обӣ, соҳилҳо, релйефи қаъри баҳру уқёнусҳо.

**ЛО́ТСМАН (ЛО́ЦМАН),** [< ҳол. loodsman]. **1**. Роҳбалад (роҳнамо)-и киштӣ; мутахассисе, ки роҳҳои обиро хуб медонад ва киштиҳоро роҳнамоӣ мекунад. **2**. *зоол.* Як навъ моҳии хурди баҳрӣ, ки дар наздикии *акула, делфин* ва диг. моҳиҳои калон шино мекунад.

**ЛОТСМЕ́ЙСТЕР (ЛОЦМЕ́ЙСТЕР),** [*лотсия* + ол. Meister]. Роҳбари хадамоти бандар, ки барои гузоштан ва дуруст кор кардани воситаҳои шиновари *навигатсияи* роҳҳои обӣ масъул мебошад.

**ЛО́УКОСТ**, [англ. low cost камхароҷот]. **1**. Дараҷаи чиптаҳо ба ҳавопаймоҳое, ки дар онҳо доираи хизматрасониҳо маҳдуд аст. **2**. Умуман, ҳама гуна молу хизматҳои арзон. **3**. Ниг. *лоукостер*.

**ЛОУКО́СТЕР**, [англ. low coster]. Ширкати ҳавопаймоие, ки аз баъзе намудҳои анъанавии хизматрасонӣ даст кашида, ба ивази ин нархи чиптаҳояшро нисбатан арзон кардааст.

**ЛОУРЕ́НСИЙ,** [лот. Lawrencium – аз номи физики амрикоӣ Э. Лоуренс (1901 – 1958)]. Элементи химиявии гурӯҳи III системаи даврӣ (Lr); металли радиоактивӣ аз оилаи *актинидҳо*.

**ЛУБРИКА́НТ,** [< лот. lubricare лағжон кардан]. Ҳама гуна равған, *крем, гел* барои осон кардани соиш.

**ЛУБРИКА́ТОР,** [< *лубрикант*]. *тех*. Равғанмолак; асбобе, ки равғанро фишор дода, ба қисмҳои соишхӯрандаи мошину дастгоҳҳо мефиристад.

**ЛУДДИ́ТҲО,** [англ. Luddites – аз номи ёвари усто Н. Лудд, ки, мувофиқи ривоят, дастгоҳи бофандагии худро ба нишони эътироз бар зидди истифодаи мошинҳо дар истеҳсолот вайрон карда буд]. *таър*. Иштирокчиёни тазоҳуроти оммавии зидди ҷорӣ карда шудани мошинҳо дар Англия дар давраи табаддулоти саноатӣ.

**ЛУДОМА́НИЯ,** [< лот. ludere бозӣ кардан + юн. mania рағбат, ҷунун]. *тиб*. Бемории рӯҳие, ки бо шавқу рағбати ниҳоят зиёд ба бозӣ (мас., қимор, бозӣ бо автоматҳо, телефонҳои мобилӣ, бозиҳои интернетӣ ва ғ.) зоҳир мегардад.

**ЛУ́ЗА,** [пол. luza]. Сӯрохи тӯрдори мизи *билярд*.

**ЛУИДО́Р,** [фр. louis d' or < Louis Людовик + or тилло]. Тангаи тиллоие, ки аввалин маротиба дар Фаронса дар замони Людовики XIII пайдо шуда буд. || Мқс. наполеондор.

**ЛУ́МУ,** [арм.]. Воҳиди пули Арманистон, ки ба 0,01 драм баробар аст.

**ЛУНА́,** [< лот. Luna]. **1**. Дар асотири римиёни қадим – олиҳаи рӯшноии шаб. **2**. *астр*. Моҳ; ягона радифи табиии Замин.

**ЛУ́НА-ПАРК,** [ол. Luna-Park]. Боғи маҳтобӣ; чорбоғи шаҳрии дорои чархофалак ва дигар воситаҳои дилхушӣ.

**ЛУНАТИ́ЗМ,** [< лот. Luna]. Моҳпарвин; аз хоб бедор нашуда роҳ гаштан; роҳгардӣ дар вақти хоб; *сомнамбулизм* ва *ноктамбулизм* низ гӯянд.

**ЛУ́ПА,** [фр. loupe]. Пурбин; шишаи муҳаддаб. || Мқс. линза.

**ЛЭНД-АРТ,** [англ. land art]. Равияе дар санъати тасвирии охири асри XX, ки пайравони он пейзажи воқеиро ба сифати маводи асосии бадеӣ ва объекти тасвир истифода мебурданд (аз тӯдаи сангу гил ҳар хел образҳо меофариданд, дар танаи шаххо сурат мекашиданд, харсангҳоро ҳаккокӣ мекарданд).

**ЛЭ́ПТОП**, [< англ. laptop зонуи шахси нишаста]. Ниг. *лаптоп.*

**ЛЮ́ВЕРС,** [ҳол. leuvers]. Сӯрохи канорҳояш металлӣ дар бодбони киштӣ.

**ЛЮ́ГЕР,** [англ., ол. lugger]. Киштии бодбондори сесутуна, ки *бизан*-сутунаш пеш аз тири суккон ҷой гирифтааст.

**ЛЮИЗИ́Т,** [англ. lewisite]. Моддаи органикии заҳрнок, ки соли 1917 химики амрикоӣ У. Люис (1878 – 1943) ҳосил намудааст.

**ЛЮК,** [ҳол. luik]. **1**. Ҳама гуна чоҳ, таҳхона ё чуқурии сарпӯшдор (мас., дар болои *танк*, саҳни киштӣ, фарши саҳнаи театр ва ғ.). **2**. Почанг; тирдон; сӯрохи девори паҳлӯи киштӣ барои тирандозӣ.

**ЛЮКА́РНА,** [фр. lucarne]. Равзани болохона ё гунбади иморат.

**ЛЮКС¹,** [< фр. luxe шукӯҳ, ҳашамат]. Аз ҷиҳати муҷаҳҳазӣ ва сатҳи хизматрасонӣ беҳтарин мағоза, *ателйе, вагон, каюта*, ҳуҷраи меҳмонхона ва ғ.

**ЛЮКС²,** [< лот. lux равшанӣ]. *физ.* Воҳиди равшанӣ дар Системаи байналхалқии воҳидҳо (СИ).

**ЛЮКСМЕ́ТР,** [< *люкс*² +…*метр*]. *физ.* Асбоб барои чен кардани дараҷаи равшанӣ.

**ЛЮМБА́ГО,** [лот. lumbago < lumbus миён + agree сих задан]. *тиб.* Миёндард, дарди миён; хала задани миён. || Мқс. невралгия, остеохондроз.

**ЛЮ́МЕН,** [лот. lumen рӯшноӣ]. *физ.* Воҳиди сели рӯшноӣ дар Системаи байналхалқии воҳидҳо (СИ). || Мқс. люкс².

**ЛЮМЕНО́МЕТР,** [< люмен + …*метр*]. *физ.* Асбоб барои чен кардани сели рӯшноӣ. || Мқс. люксометр.

**ЛЮМИНЕСТСЕ́НСИЯ (ЛЮМИНЕСЦЕ́НЦИЯ),** [< лот. lumen рӯшноӣ]. Нурафкании моддаҳо бе гармшавӣ бо таъсири ягон манбаи энергия, нурпошии беруна, инчунин равандҳои дохилимолекулавӣ; дар табиат бисёр вомехӯрад, мас., фаҷри шимолӣ, шабчароғ, тобиши дарахти пӯсида ва ғ.; аз Л. дар техника васеъ истифода мебаранд (чароғи люминестсентӣ, экрани телевизор, чароғҳои рекламавӣ ва ғ.).

**ЛЮМИНОФО́РҲО,** [< лот. lumen рӯшноӣ + юн. phoros баранда]. Моддаҳое, ки энергияи фурӯбурдаашонро ба нурафканӣ (*люминестсенсия*) табдил медиҳанд.

**ЛЮ́МПЕН,** [< ол. Lumpen жанда]. Ниг. *люмпен-пролетариат.*

**ЛЮ́МПЕН-ПРОЛЕТАРИА́Т,** [< *люмпен* + *пролетариат*]. Табақаи шахсоне, ки аз синф ва муҳити иҷтимоии худ ҷудо шудаанд (гадоҳо, оворагардҳо, пойлучҳо, фоҳишаҳо, унсурҳои ҷинояткор ва ғ.); истилоҳи Л-П-ро Карл Маркс барои ифода намудани табақаҳои поёнии синфи коргар ҷорӣ карда буд.

**ЛЮНЕ́Т,** [фр. lunette]. **1**. *ҳарб., кӯҳна.* Истеҳкоми саҳроӣ. || Мқс. бастион, форт. **2**. *меъм.* Тоқи мунаққаш дар гунбад ё девори иморат. **3**. *тех.* Қисми дастгоҳи харротӣ ё

металлбурӣ, ки ҳангоми тарошидан ё буридани масолеҳи дароз (мас., қубурҳо, тирҳо ва ғ.) ба сифати такягоҳи иловагӣ хизмат мекунад.

**ЛЮНЕ́ТТА,** [фр. lunette]. Ниг. *люнет* ба маънои 2.

**ЛЮПИ́Н,** [лот. lupinus]. *бот.* Тирмис; гиёҳе аз оилаи лӯбиёгиҳо (тақр. 100 намуд); зиёда аз 10 намуди онро барои хӯроки тари чорво парвариш мекунанд.

**ЛЮПОЗО́РИЙ,** [< *люпус*]. Муассисаи тиббӣ барои пешгирӣ ва муолиҷаи сили пӯст (бодхӯра, *люпус*).

**ЛЮ́ПУС,** [< лот. lupus гург]. *тиб.* Сили пӯст; бодхӯра.

**ЛЮСТР,** [фр. lustre ҷило]. Ранг (*пигмент*)-е, ки ба рӯи маснуоти сафолӣ молида мешавад.

**ЛЮ́СТРА,** [фр. lustre ҷило]. Қандил; чилчароғ.

**ЛЮСТРА́ТСИЯ (ЛЮСТРА́ЦИЯ)[1],** [< лот. lustratio]. Дар замонҳои қадим – қурбонӣ кардан ё ба ҷо овардани ҳар гуна расму оинҳои динӣ ва хурофотӣ бо мақсади пешгирӣ ва дур кардани бемориҳо, офатҳои табиӣ ва ғ.

**ЛЮСТРА́ТСИЯ (ЛЮСТРА́ЦИЯ)[2],** [< лот. lustrare тафтиш кардан]. *мол.* Ҳар сари чанд вақт тафтиш ва рӯихат кардани амволи давлатӣ барои муайян намудани даромаднокии онҳо.

**ЛЮСТРИ́Н,** [< фр. lustre ҷило]. Як навъ матои пашмӣ ё нимпашмии ҷилодор.

**ЛЮТЕРЧИГӢ,** [< ол. Luther]. Яке аз мазҳабҳои протестантӣ, ки асри 16 дар Олмон дар рафти Ислоҳот (*реформатсия*) пайдо шудааст; асосгузори он Мартин Лютер (1483 – 1546) мебошад.

**ЛЮТЕ́ТСИЙ (ЛЮТЕ́ЦИЙ),** [лот. Lutesium < Lutesia номи лотинии Париж]. *хим.* Элементи химиявӣ аз гурӯҳи III системаи даврӣ (Lu); металли нодир аз оилаи *лантаноидҳо*.

**ЛЮФТ,** [< ол. Luft ҳаво]. Фосилаи байни қисмҳои ба ҳам васлбудаи мошину таҷҳизот.

**ЛЮ́ЭС,** [< лот. lues бемории гузаранда]. *тиб.* Ниг. *сифилис*.

**ЛЯ,** [лот. la]. *мус.* Овози мусиқии дараҷаи 6-уми қаторовози *диатоникии* асосӣ (ниг. *диатоника*). || Мқс. до, ре, ми.

**ЛЯДУ́НКА,** [< ол. Ladung]. Тирхалтаи сарбозони савора.

**ЛЯКРО́СС,** [< фр. la cross чавгон]. *варз.* Бозии гурӯҳӣ бо тӯпча ва чавгон, ки ба *хоккей* монанд аст.

**ЛЯ́МБДА,** [юн. lambda]. Номи ҳарфи ёздаҳуми алифбои юнонӣ (Λ,λ). || Мқс. алфа, бета.

**ЛЯМБЛИО́З,** [< *лямблия*]. *тиб.* Бемории рӯда ва роҳҳои сафрогузари одам, ки ангезандаи он *лямблия* ном микроби ангал (*паразит*) мебошад.

**ЛЯ́МБЛИЯ,** [< ол. Lamblie – аз номи профессори донишгоҳи Харков В. Лямбл, ки соли 1859 лямблияро кашф кардааст]. *биол.* Ҷинси микробҳои ангал аз оилаи қамчинакдорон, ки дар рӯда ва ҷигар муфтхӯрона зиндагӣ карда, боиси бемории *лямблиоз* мегарданд.

**ЛЯН,** [хит.]. Воҳиди вазн дар Хитой ва баъзе мамлакатҳои атрофи он; ба 31,25 г баробар аст.

**ЛЯ́НИ,** [фин. ljani]. Калонтарин воҳиди маъмурию ҳудудӣ (вилоят) дар Финляндия.

**ЛЯ́ПИС,** [лот. lapis санг]. Хокаи беранги кристаллӣ, *нитрати* нуқра, ки дар тиб барои тайёр кардани доруҳои зидди варам, инчунин сӯзондани озах истифода мебаранд.

**ЛЯ́ПСУС,** [лот. lapsus]. Хато, ғалат, саҳв дар нутқ ё хат.

**ЛЯРД,** [англ. lard]. Равғани обкардашудаи хук.

**ЛЯССЕ́,** [ол. Lesezeichen]. Ресмон ё тасмачаи борики латтагӣ, ки як нӯгаш ба қисми болои муқоваи китоб часпонда шудааст; дар байни саҳифаҳо барои гум нашудани саҳифаи даркорӣ гузошта мешавад.

# М

**МААР́,** [ол. Maar]. *геол.* Чуқурие, ки баъди таркиши газ (бе хориҷ шудани тафта) дар минтақаҳои вулқонӣ пайдо мешавад; М. тадриҷан бо об пур шуда, ба кӯл табдил меёбад.

**МАВЗОЛЕ́Й,** [лот. mausoleum < юн. Mausoleion – аз номи мақбараи шоҳ Марсол, ки дар асри 4 то милод дар ш. Галикарнаси Осиёи Хурд бунёд ёфта буд ва яке аз ҳафт муъҷизаи олам ба ҳисоб мерафт]. Мақбара; дахма; оромгоҳ.

**МАВРҲО,** [лот. maurus < юн. mauros сиёҳ]. Мағрибиён; номи қадимии қабилаҳои Африқои шимолию ғарбӣ, инчунин номи арабҳо ва қабилаҳои барбарии Африқо, ки дар асри 8 қисми зиёди нимҷазираи Пиренейро забт карда буданд.

**МАГ,** [лот. magus < форс. муғ]. **1**. Коҳин; муғ; оташраст; пайрави дини Зардушт. **2**. *маҷ*. Соҳир, ҷодугар, афсунгар.

**МАГАЗИ́Н,** [фр., ол. magasin < ар. махозин]. **1**. Фурӯшгоҳ; мағоза; дӯкони молфурӯшӣ. **2**. Тирдони туфангча, автомат ва ғ. **3**. Анбор.

**МАГАРАҶА, МЕҲРОҶА (МАГАРАДЖА),** [санск. < меҳ (бузург) + *роҷа*]. Роҷаи бузург; унвони олии ҳокимон дар Ҳиндустон.

**МАГЕНДАВИ́Д,** [< яҳ. қад. сипари Довуд]. Ситораи шашгӯша дар парчами Исроил.

**МАГИ́СТР,** [лот. magister сарвар, роҳбар, устод, муаллим]. **1**. *таър*. Дар Рими Қадим – шахси мансабдор, мас., М.-и лашкари савора. **2**. *таър*. Унвони олии дарборӣ дар Византия. **3**. *таър*. Дар Аврупои асрҳои миёна – сардори ордени католикии рӯҳониён – *ритсарҳо*. **4**. *таър*. Дар Россияи асрҳои 19 – 20 (то с. 1917) – унвони хурди илмӣ; ба шахсоне дода мешуд, ки донишгоҳ ё академияи диниро хатм карда, имтиҳон супурда, рисола дифоъ намудаанд. **5**. Дар баъзе мамлакатҳо – унвони (дараҷаи) илмии байни *бакалавр* ва номзад ё доктори илм; ба бакалаврҳое дода мешавад, ки таълими иловагӣ гирифта, имтиҳони махсус супурда, рисолаи магистрӣ дифоъ намудаанд; дар ИДМ – унвони илмии байни бакалавр ва номзади илм.

**МАГИСТРА́Л (МАГИСТРА́ЛЬ),** [лот. magistralis]. **1**. Хати асосии ягон шабака, мас., роҳи оҳан, таъмини об (*водопровод*), газ, алоқаи телефонӣ, барқ ва ғ. **2**. Шоҳроҳ; кӯчаи рост, васеъ ва сермошини шаҳр.

**МАГИСТРА́НТ,** [лот. magistrans]. Шахсе, ки имтиҳони магистрӣ супурда, ҳанӯз рисолаи магистрӣ ҳимоя накардааст.

**МАГИСТРА́Т,** [лот. magistratus сардор, мансабдор]. **1**. Дар баъзе мамлакатҳо – идораи шаҳр, шаҳрдорӣ. ‖ Мқс. мунисипалитет, мэрия. **2**. *таър*. Мансабдори давлатӣ дар Рими Қадим. **3**. Дар баъзе мамлакатҳо – корманди суд ва политсия.

**МАГИСТРАТУ́РА,** [< *магистрат*]. **1**. *таър*. Дар Рими Қадим – мансабҳои олии давлатӣ, инчунин шахсоне, ки чунин мансабҳоро ишғол мекарданд. **2**. Дар баъзе мамлакатҳо – муассисаҳои судӣ. **3**. Яке аз шаклҳои такмили ихтисоси хатмкардагони мактаби олӣ, инчунин шуъбаи мактаби олӣ, ки бо ин кор машғул мебошад.

**МА́ГИЯ,** [юн., лот. magia < *маг*]. Сеҳр, ҷоду, ҷодугарӣ, афсунгарӣ; дар тасаввуроти хурофотӣ – маҷмуи калимаю амалҳое, ки гӯё таъсири фавқуттабиа доштаанд; М . -

и сафед – соҳирӣ, ҷодугарӣ бо ёрии қувваҳои неккирдор (фариштаю малоикаҳо); М.-и сиёҳ – ҷодугарӣ бо ёрии қувваҳои бадкирдор (шайтон, ҷин).

**МА́ГМА,** [< юн. magma хамир]. Тафта; моддаи гудохтаи таркибаш силикатии даруни кураи замин.

**МАГМАТИ́ЗМ,** [< юн. magma хамир]. *геол.* Раванди гудозиш, ҷойивазкунӣ, сардшавӣ ва табаллури (кристаллшавии) тафта.

**МАГМАТОГЕНӢ,** [< *магма* + … *ген*]. Мансуб ба *магма* (тафта); конҳои М. – конҳои маъдан ва ҷинсҳои кӯҳие, ки аз тафта ҳосил шудаанд.

**МАГНА́ЛИЙ,** [< *магний* + *алюминий*]. Хӯлаи алюминий бо магний, ки хеле бадошт ва зудгудоз аст.

**МАГНА́Т,** [пол. magnat < лот. magnus калон, бузург]. **1**. Заминдори калон дар Полша, Венгрия ва баъзе мамлакатҳои дигари Аврупои асрҳои миёна. **2**. Намояндаи сармояи калони молиявӣ ва саноатӣ.

**МАГНЕЗИ́Т,** [< *магнезия*]. *маъд.* **1**. Минерали сафед ё зарди хокистарранг, ки асосан аз карбонати магний, карбонати оҳан ва никел иборат аст. **2**. Ҷинси кӯҳие, ки аз ҳамин минерал таркиб ёфтааст; дар саноати химия, сементбарорӣ ва ғ. истифода мешавад. **3**. Масолеҳи ба оташ тобовар, ки аз оксиди магний таркиб ёфтааст.

**МАГНЕ́ЗИЯ,** [< лот., юн. Magnesia – номи шаҳри қадим дар Осиёи Хурд]. Оксиди магний, хокаи сафед, ки бо роҳи тафсондани *доломит* ва *магнезит* ҳосил мешавад; дар тиб, инчунин дар истеҳсоли масолеҳи ба оташ тобовар, мас., хишт ва семент истифода мебаранд.

**МАГНЕТИЗЁ́Р,** [< фр. magnetiser бо гипноз табобат кардан]. *куҳна.* Гипнозгар; гипнозкунанда, талқинкунанда.

**МАГНЕТИ́ЗМ,** [< *магнит*]. *физ.* **1**. Таълимот дар бораи ҳодисаҳо ва хусусиятҳои магнитии ҷисм. **2**. Маҷмуи ҳодисаҳои магнитӣ. **3**. Магнетизми Замин – майдони магнитии Замин ва фазои наздизаминии Кайҳон. || Мқс. геомагнетизм.

**МАГНЕ́ТИК,** [< *магнит*]. Моддаи дорои хосиятҳои магнитӣ.

**МАГНЕТИ́Т,** [< *магнит*]. Оҳансанги магнитӣ; минерал, оксиди мураккаби оҳан; дар шакли кристаллҳои сиёҳ ё хока дучор мешавад; маъдани асосии оҳан ба шумор меравад.

**МАГНЕ́ТО,** [англ. magneto]. *тех. Генератори* магнитоэлектрии ҷараёни тағйирёбанда барои дар байни *электродҳои* шамъи афрӯзиш ба вуҷуд овардани *разрядҳои* электрие, ки моддаҳои сӯзандаро дар муҳаррики дарунсӯз дармегиронанд.

**МАГНЕТО́Н,** [< англ. magneto < *магнит*]. *физ.* **1**. Магнетони Бор – воҳиди лаҳзаи магнитӣ дар физикаи атомӣ. 2. Магнетони ядроӣ – воҳиди андозаи лаҳзаи магнитии *нуклонҳо* ва *ядроҳои* атомӣ.

**МАГНЕТОХИ́МИЯ,** [< *магнит* + *химия*]. Соҳаи химия, ки вобастагии байни хосиятҳои магнитӣ ва химиявии моддаҳоро меомӯзад.

**МАГНЕТРО́Н,** [< *магнит* + *...трон*]. *физ., тех.* Асбоби электровакуумӣ барои ҳосил намудани мавҷҳои электромагнитии фавқулбасомад.

**МА́ГНИЙ,** [лот. Magnesium]. Элементи химиявии гурӯҳи II системаи даврӣ (Mg); металли нуқратоби нарм, сабук ва бадошт, ки дар истеҳсоли хӯлаҳои сабук, ҳавопаймосозӣ, асбобсозӣ, тиб ва соҳаҳои диг. истифода мешавад.

**МАГНИЙОРГАНИКӢ,** [< *магний* + *органикӣ*]. Пайвастҳои магнийорганикӣ – моддаҳое, ки дар молекулаашон атоми магний вуҷуд дорад ва ин атом бо атоми карбон бевосита пайваст мебошад.

**МАГНИ́Т,** [< юн. Magnetis lithos санги магнезиягӣ (Магнезия – номи шаҳри қадим дар Осиёи Хурд)]. Оҳанрабо; М.-и табиӣ – порчаи маъдани оҳан (оҳансанги магнитӣ) ё пӯлод, ки хусусияти ба худ кашидани оҳан, пӯлод, кобалт ё металлҳои дигарро дорад; М.-и сунъӣ – ҷисми аз пӯлод ё хӯлаи махсус сохташудае, ки бо ёрии магнити дигар ё ҷараёни электр магнитнок карда шудааст.

**МАГНИТӢ,** [< *магнит*]. Мансуб ба *магнит* (оҳанрабо); магнитнок; ба худ ҷазбкунанда; қурси (диски) М. – ҷиҳози итилоъбар дар шакли лавҳачаи гирди алюминӣ ё пластмассӣ, ки ба рӯяш як қабат магнит андуда шудааст; корти М. – ниг. *корт*[1]; майдони М. – фазое, ки дар он таъсири қувваҳои магнитӣ вуҷуд дорад; моменти (лаҳзаи) М. – бузургие, ки дараҷаи магнитнокии ҷисмро ифода мекунад; расадхонаи М. – муассисаи илмию тадқиқотие, ки шиддатнокии майдони магнитии Заминро чен ва назорат мекунад; сабти М. – тарзи ба рӯи маводи *ферромагнитӣ*, сим, навори махсус сабт намудани овоз, ки ба тағйирёбии магнитнокии қитъаҳои алоҳидаи қабати магнитии онҳо асос меёбад; тӯфони М. – ғалаёни сахти майдони магнитии Замин, ки бо таъсири селаҳои тавонои *плазмаи* офтоб ба магнитосфераи Замин ба вуҷуд меояд.

**МАГНИТОБИОЛО́ГИЯ,** [< *магнит* + *биология*]. Шохаи илми *биофизика*, ки таъсири майдони магнитиро ба организмҳои зинда меомӯзад.

**МАГНИТО́ГРАФ,** [< *магнит* + *...граф*]. Асбоб барои сабти тағйироти майдони магнитии Замин.

**МАГНИТО́ЛА,** [< *магнитофон* + *радиола*]. *Магнитофоне*, ки *радиоприёмник* ҳам дорад.

**МАГНИТО́МЕТР,** [< *магнит* + *...метр*]. *физ.* Асбоб барои чен кардани майдони магнитӣ ва хосиятҳои магнитии моддаҳо.

**МАГНИТОМЕ́ТРИЯ,** [< *магнит* + *...метрия*]. **1**. Фасли *геофизика*, ки майдони магнитии Замин ва тағйирёбии онро меомӯзад. **2**. *геол.* Усули ҷустуҷӯи геологӣ, ки ба гуногунии хосиятҳои магнитии ҷинсҳои кӯҳӣ асос меёбад.

**МАГНИТОПА́УЗА,** [< *магнит* + *пауза*]. Марзи берунии *магнитосфера*.

**МАГНИТОСТРИ́КСИЯ (МАГНИТОСТРИ́КЦИЯ),** [< *магнит* + лот. strictio фишурдашавӣ]. *физ*. Тағйир ёфтани шаклу андозаи ҷисмҳои кристаллӣ ҳангоми магнитнокшавӣ.

**МАГНИТОСФЕ́РА,** [< *магнит* + *сфера*]. *астр., физ*. Яке аз *геосфераҳо*: қитъаи фазои наздисайёравӣ, ки хусусиятҳои физикии он бо майдони магнитии сайёра ва таъсири мутақобилаи он бо селаи зарраҳои заряднокшудаи кайҳонӣ муайян карда мешавад. || Мқс. атмосфера, гидросфера, литосфера.

**МАГНИТОФО́Н,** [< *магнит* + *…фон*]. Ҷиҳоз барои сабти овоз дар навори магнитӣ ва шунавондани он. || Мқс. граммофон, диктофон, патефон.

**МАГНИТУ́ДА,** [< лот. magnitude бузургӣ]. Бузургии шартие, ки энергияи умумии лаппишҳои чандири дар натиҷаи заминҷунбӣ ё таркиш ба амал омадаро тавсиф менамояд.

**МАГНИ́ФИКАТ,** [лот. magnificat]. Суруди динии насрониён бар матни Инҷил; дар шакли асари калони бисёровоза барои хор ва оркестри симфонӣ эҷод шудааст.

**МАГНО́ЛИЯ,** [фр. magnolia – аз номи ботаники фаронсавӣ П. Магнол]. Дарахти ҳамешасабзи мамлакатҳои ҷануб, ки гулҳои калони хушбӯй дорад (80 намуд); қадаш то 30 м; чун дарахти ороишӣ парвариш мекунанд.

**МАГО́Т,** [фр. magot]. Макаки бедум (ниг. *макак*); намуди маймун аз оилаи *макакҳо*, ки дар Африқо зиндагӣ мекунад.

**МАДА́М,** [фр. madame]. **1**. Хонум; вожаи муроҷиат ба зани шавҳардор дар Фаронса ва бисёр мамлакатҳои диг. || Мқс. доня, мадемаузел, миледи, мисс, миссис. **2**. Дар замонҳои гузашта – мураббияи аҷнабӣ дар хонаи дороён.

**МАДАПОЛА́М,** [фр. madapolame аз номи ноҳияи наздишаҳрии ш. Нарсапури Ҳиндустон]. Суфи пухта; матои дурушт ва андаке ҷилодори пахтагӣ.

**МАДЕМАУЗЕ́Л (МАДЕМАУЗЕ́ЛЬ),** [фр. madamoiselle]. Вожаи муроҷиат ба духтар ё зани бешавҳар дар Фаронса ва бисёр мамлакатҳои диг. || Мқс. доня, мадам, миледи, мисс, миссис.

**МАДЕ́РА,** [порт. madera]. Навъи май, ки аз ангури сафед ё гулобӣ тайёр карда мешавад. || Мқс. портвейн.

**МА́ДИЯ,** [лот. madia]. Растание аз оилаи мураккабгулҳо, ки равғани ғализ ва зуд хушкшаванда дорад; равғанашро дар таом, тиб ва техника истифода мебаранд.

**МАДО́ННА,** [ит. Madonna]. **1**. Вожаи муроҷиат ба зани шавҳардор дар Италия. **2**. Бибимарям; номи Марям – модари Исо, инчунин номи сурату муҷассамаҳои ӯ дар мазҳаби католикӣ.

**МАДРЕПО́РАҲО,** [ит. madrepora]. Марҷонсангҳо; гурӯҳи рӯдаковокҳои баҳрӣ аз оилаи марҷонҳо.

**МАДРИГА́Л,** [ит. madrigale]. **1**. *санъ*. Суруди қадимие, ки дар он ҳаёти орому осоиштаи чӯпонон дар домани табиат, баъзан муҳаббати чӯпонбачагону чӯпондухтарон тасвир карда мешавад. || Мқс. пасторал. **2**. *адш*. Шеъри кӯтоҳи ҳаҷвӣ ё ишқӣ. **3**. *мач*. Ниг. *комплимент*.

**МАДЯ́Р (МАДЬЯ́Р),** [венг. madyar]. *куҳна*. Маҷор; венгр.

**МАЁВКА,** [< рус. Май]. **1**. *таър*. Дар Россияи подшоҳӣ – ҷамъомад ва намоиши пинҳонии коргарон, ки берун аз шаҳр ба муносибати рӯзи байналхалқии меҳнаткашон – Якуми Май гузаронда мешуд. **2**. Сайругашти баҳорӣ дар беруни шаҳр.

**МАЖО́Р,** [фр. majeur < лот. major калонтар]. **1**. *мус*. Пардаи мусиқӣ, ки аз се овози муштараки шӯх иборат аст; баръакси *минор*. **2**. *мач*. Кайфияти хуш, димоғи чоқ.

**МАЖОРДО́М,** [фр. majordome]. Хонсолор; сардори пешхизматҳо.

**МАЗ (МАЗЬ),** [< рус. мазать молидан]. Ниг. *линимент*.

**МА́ЗА,** [юн. қад.]. Як навъ хӯроки юнониёни қадим – шӯлае, ки аз орд, равғани зайтун, асал ва об пухта мешуд. || Мқс. каша.

**МА́ЗЕР,** [англ. maser]. *тех*. Асбоби квантӣ барои ҳосил намудани афканишоти баландбасомади электромагнитӣ. || Мқс. лазер.

**МА́ЗЕРБОРД,** [англ. motherboard < mother модар + board лавҳача, тахтача]. Лавҳачаи пайвасткунанда (ба истилоҳ «*платаи* модарӣ»), ки ба он ҳамаи унсурҳои асосии кории компютер васл карда мешаванд.

**МАЗО́К,** [< рус. мазать молидан]. **1**. Молиш. **2**. *тиб*. Намуна; як қатра хун, балғам ва м. инҳо, ки барои таҳқиқ ва ташхиси беморӣ гирифта мешавад.

**МАЗОХИ́ЗМ,** [ол. Masochismus – аз номи нависандаи австриягӣ Л. Захер-Мазох (1836 – 1895)]. Яке аз намудҳои фисқи шаҳвонӣ, ки ҳангоми он яке аз ҳарифони ҷинсӣ аз таҳқир ва азобу азияте, ки ҳарифи худ медиҳад, лаззати шаҳвонӣ мебарад; аввалин бор дар романи нависанда Захер-Мазох тасвир шудааст ва номаш аз ҳамин ҷост. || Мқс. садизм.

**МАЗУ́РКА,** [пол. mazurek – аз номи музофоти Мазовия]. Рақси миллии полякӣ, ки дар асри 19 ба рақси *бал* табдил ёфта буд, инчунин мусиқии ҳамин рақс.

**МАИ́С,** [исп., фр. mais < гаитӣ]. *куҳна*. Ҷуворимакка.

**МАЙ,** [лот. maius < Maia Майя – олиҳаи баҳор]. Моҳи панҷуми соли тақвимӣ, ки баъди апрел меояд ва аз 31 шаборӯз иборат аст.

**МАЙЕ́ВТИКА,** [юн. қад.]. Усули Суқрот – ошкор намудани донишҳои нуҳуфтаи одам бо ёрии саволҳои роҳнамунсоз.

**МАЙЕ́СТА,** [лот. Maiesta]. Дар асотири римиёни қадим – олиҳаи замин; маъшуқаи Зевс, модари Гермес.

**МА́ЙКА,** [рус.]. Либоси тобистонаи беостин ё остинкӯтоҳ.

**МА́ЙКРОСОФТ,** [англ. Microsoft]. Ширкати машҳур дар бозори таъминоти барномавии компютер; қароргоҳаш дар Калифорния (ИМА); М. системаҳои амалиётии DOS, Windows, Microsoft-Office, *браузери* Internet Explorer ва бисёр барномаҳои дигарро ба вуҷуд овардааст.

**МА́ЙНА,** [ит. ammaina]. Хитоб ба кранчӣ ба маънои «поён фурор!»; баръакси «*вира*».

**МА́ЙНИК,** [< рус. Май]. *бот.* Растание аз ҷинси савсан, ки гулҳои хурди сафед дорад; дар моҳи май гул мекунад ва номаш аз ҳамин ҷост.

**МАЙОЛИ́КА,** [< ит. majolika]. **1**. Маснуоти сафолӣ – яке аз навъҳои *керамика*; аз гили пухтаи ранга тайёр карда, рӯяш бо маҳлули шишамонанди шаффоф ё ношаффоф, беранг ё рангин (*глазур*) андуда мешавад. || Мқс. фаянс. **2**. Санъати тайёр кардани чунин маҳсулот.

**МАЙОНЕ́З,** [фр. mayonnaise]. **1**. Қайлаи аз равғани растанӣ, зардии тухм, сирко, хардал, шакар ва ҳар гуна дорувор тайёр кардашуда. **2**. Яхнии моҳӣ ё мурғ, ки ба рӯяш чунин қайла рехта шудааст.

**МАЙО́Р,** [< лот. major калон, бузург]. Рутбаи афсарӣ дар қувваҳои мусаллаҳи бисёр давлатҳо, аз ҷумла ИДМ (рутбаи байни *капитан* ва *подполковник*).

**МАЙОРА́Н,** [ит. majorana]. *бот.* Марзангӯш; як навъи райҳон.

**МАЙОРА́Т,** [< лот. major калон, бузург]. **1**. Тартиби тақсими мерос, ки мувофиқи он тамоми мулки ғайриманқул ба писари калонӣ ё сардори авлод мерасад; баръакси *минорат*. **2**. Мулки бо чунин тартиб меросишуда.

**МАЙОРДО́М,** [< лот. major калон, бузург + domus ҳавлӣ]. *таър.* Дар аввалҳо – маъмури қасрҳои подшоҳӣ, баъдтар – мансабдори калони давлатӣ.

**МА́ЙЯ[1],** [< санск.]. **1**. Дар дини ҳиндуия – қобилияти ҷодугарӣ, соҳирӣ, муъҷизакорӣ; каромот. **2**. Дар мазҳабҳои *ведизм* ва бараҳмания – олиҳае, ки хаёлӣ будани ҳастиро таҷассум менамояд. **3**. Дар дини буддоия – номи модари буддо Шакямуна.

**МА́ЙЯ[2],** [< юн. қад. Maja Модар]. **1**. Дар асотири юнониёни қадим – яке аз духтарони Атлант (*плеядаҳо*), маъшуқаи Зевс, модари Гермес ва мураббияи Аркад; дар асотири римиён – Майеста. **2**. *астр.* Номи яке аз сайёраҳои хурд. **3**. *астр.* Яке аз шаш ситораи равшани бурҷи Савр. **4**. Навъи матои нафиси пахтагӣ, ки аз он либоси занона ва кӯдакона медӯзанд.

**МА́ЙЯ[3],** [< ҳинд. Ам.]. **1**. Яке аз қабилаҳои ҳиндуёни Амрико, ки аз қадим дар Мексика, Гватемала, Гондурас ва баъзе минтақаҳои дигари Амрикои Марказӣ зиндагӣ мекарданд. **2**. Намоянда ва забони ин қабила.

**МАКА́КА, МАКА́К,** [лот. macaca]. Ҷинси маймуни биниборик аз зероилаи антариҳо; дарозии баданаш то 75 см, вазнаш то 18 кг (12 намуд); дар Африқои Шимолӣ ва Осиёи Ҷанубӣ зиндагӣ мекунад.

**МАКА́О¹,** [порт. macao]. Як навъ қартабозӣ; *баккара* низ гӯянд.

**МАКА́О²,** [ҳинд. Ам.]. **1**. Ҷинси тӯтии дароздум. || Мқс. ара, какаду. **2**. Ҷинси нахл, ки дар Амрикои Ҷанубӣ мерӯяд.

**МА́КАРА,** [ҳинд. қад.]. Дар дини ҳиндуия – аждаҳои баҳрӣ, тимсоли офатҳои табиӣ.

**МАКАРОНИ́ЗМ,** [фр. macaronisme]. *збш*. Калимаю ибораҳое, ки бе тағйир ва таҳриф ба забони дигар дохил шудаанд.

**МАКАРО́Н,** [ит. macarone]. Угрои хушкондашудаи дарунковок. || Мқс. вермишел, спагетти.

**МАКБУ́К**, [англ. macbook]. Ноутбуке, ки ширкати Apple истеҳсол мекунад.

**МА́КВИ́С,** [фр. maquis]. Буттазори анбуҳи душворгузар.

**МАКДО́НАЛДС (МАКДО́НАЛЬДС)**, [англ. McDonald's номи ширкате, ки с. 1940 бародарон Дик ва Мак Макдоналдҳо таъсис додаанд]. Ошхона, тарабхона ё қаҳвахонаи ширкати амрикоии "Макдоналдс", ки дар он таомҳои зудпаз, аз қабили *гамбургер, чизбургер*, картошкабирён (*фри*), қаҳва ва ғ. пешкаш карда мешаванд.

**МАКЕ́Т,** [фр. maquette]. **1**. Амсила, намунаи хурдкардашудаи ягон чиз, мас., иморат, мошин. || Мқс. модел. **2**. Нусхаи озмоишии китоб, маҷалла ва диг. маҳсулоти чопӣ.

**МАКИАВЕЛЛИ́ЗМ,** [ит. machiavellismo – аз номи ходими сиёсӣ ва нависандаи Флоренсия Никелло Макиавелли (1469 – 1527)]. **1**. Сиёсате, ки ба парастиши қувваи дағал, беэтиноӣ нисбат ба меъёрҳои ахлоқ асос ёфтааст. **2**. *маҷ*. Макр, фиребу найранг, мунофиқӣ, аҳдшиканӣ.

**МАКИНТО́Ш,** [англ. mackintosh – аз номи химики шотландӣ Ч. Макинтош (1766 – 1843)]. **1**. *Палто* ё *плаш* аз матои резиндори обногузар. **2**. Ширкати амрикоӣ, ки компютер ва барномаҳои хушсифати компютерӣ истеҳсол мекунад, инчунин тамғаи компютери истеҳсолнамудаи ин ширкат; *аймак* низ гӯянд.

**МАКИЯ́Ж,** [< фр. maquiller ранг кардан]. Пардоз додани рӯй бо лавозимоти гуногуни косметикӣ. || Мқс. грим.

**МАККАРТИ́ЗМ,** [< англ. McCarthy – аз номи сенатори амрикоӣ Ҷ. Маккарти]. **1**. Таъқиби ходимони озодфикр ва созмонҳои чапгаро дар ИМА дар солҳои 50-уми асри 20 бо ташаббуси сенатор Ҷ, Маккарти; сабаби пеш гирифтани чунин сиёсат тарсу ваҳми маъмурияти ИМА аз паҳншавии коммунизм буд. **2**. *маҷ*. Ҷаҳолатпарастӣ.

**МА́ККИЯ,** [< ит. macchia]. Ниг. *маквис*.

**МА́КЛЕР,** [ол. Makler]. Ниг. *брокер*.

**МАКРАМЕ́,** [фр. macrame]. Навъи ҳунари дастӣ: аз ресмон бофтани ҳар гуна ашёи ороишӣ.

**МАКРЕ́Л (МАКРЕ́ЛЬ),** [ҳол. makreel]. Ҷинси моҳии сайдбоб аз гурӯҳи аломоҳиҳо; дарозиаш то 0,6 м (3 намуд); *скумбрия* низ гӯянд.

**МАКРО...,** [< юн. macros калон]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои: 1) калон, азим. 2) марбут бо омӯзиши объектҳо ё бузургиҳои калон, мас., *макрокосм*; баръакси *микро...*

**МАКРОКЕФА́ЛИЯ, МАКРОСЕФА́ЛИЯ (МАКРОЦЕФА́ЛИЯ),** [< юн. macros калон + kephale сар, калла]. Каллакалонӣ; калон шудани ҳаҷми сар бо сабаби зиёдшавии моеъ дар ковокиҳои мағз.

**МАКРОКИНЕ́ТИКА,** [< *макро...* + *кинетика*]. Соҳаи илм, ки суръати реаксияҳои химиявиро меомӯзад.

**МАКРОКЛИ́МАТ,** [< *макро...* + *климат*]. Макроиқлим; иқлими ноҳияҳои калони Замин.

**МАКРОКО́СМ, МАКРОКО́СМОС,** [< *макро...* + *космос*]. Олами кабир; кайҳони кабир; баръакси *микрокосм* – олами ботинии инсон.

**МАКРОЛИ́ТҲО,** [< *макро...* + *...лит*]. *пал.* Олатҳои калони сангии дурушт тарошидашудаи давраи *неолити* ибтидоӣ, аз қабили табар, теша, зоғнӯл ва ғ.

**МАКРОМОЛЕ́КУЛА,** [< *макро...* + *молекула*]. *хим.* Молекулаи калон; молекулаи *полимер*, ки аз миқдори ниҳоят зиёди атомҳо иборат аст; метавонад шакли худро бо таъсири гармӣ ё қувваҳои берунӣ тағйир диҳад (сабаби чандирии масолеҳи полимерӣ дар ҳамин аст).

**МАКРОПО́ДҲО,** [< *макро...* + pus (podods) пой]. *зоол.* Ҷинси моҳиҳои хурд аз оилаи аломоҳиҳо.

**МАКРОРЕЛЙЕ́Ф (МАКРОРЕЛЬЕ́Ф),** [< *макро...* + *релйеф*]. *геогр.* Шакли калони релйеф, мас., водиҳо, қитъаҳои кӯҳсор, ки барои тавсифи умумии сохти сатҳи Замин имконият медиҳад.

**МАКРОСЕЙСМИКӢ,** [< *макро...* + *сейсмикӣ*]. Ларзиши макросейсмикӣ – ларзиши замин ҳангоми заминҷунбӣ, ки онро узвҳои ҳиси одам эҳсос мекунанд.

**МАКРОСКОПӢ,** [< *макро...* + *...скоп*]. Ҳар чизи калоне, ки бо чашм, яъне бе заррабин (*микроскоп*) дидан мумкин аст; баръакси *микроскопӣ.*

**МАКРОСОТСИОЛО́ГИЯ (МАКРОСОЦИОЛО́ГИЯ),** [< *макро...* + *сотсиология*]. Шохаи *сотсиология*, ки сохтор, ҳаёт ва фаъолияти табақаҳои калони ҷамъиятиро (мас., синфҳои иҷтимоӣ, гурӯҳҳои калони этникиро) меомӯзад.

**МА́КРОСПОРА́НГИЙ,** [< *макро...* + *спорангий*]. *бот.* Узви растанӣ, ки дар он *макроспораҳо* ташаккул меёбанд; *мегаспорангий* низ гӯянд.

**МАКРОСПО́РАҲО,** [< *макро… + спораҳо*]. *бот. Спораҳои калон,* ки аз онҳо навдаҳои модина инкишоф меёбанд; *мегаспораҳо* низ гӯянд.

**МА́КРОСПОРИО́З,** [< лот. Macrosporium]. *бот.* Бемории растанӣ (бештар ангур, картошка, помидор, пахта), ки занбӯруғҳои ангали макроспориум бармеангезанд; дар танаю баргҳо доғҳои андоза, шакл ва рангашон гуногун пайдо шуда, баъди чанд вақт растанӣ мехушкад.

**МАКРОСПОРОФИ́ЛЛ,** [< *макро… + спорофилл*]. *бот.* Номи мевабарги растаниҳои тухмдор; барги намудаш тағйирёфтаи растанӣ.

**МА́КРОСТРУКТУ́РА,** [< *макро… + стуруктура*]. *физ.* Сохти ҷисмҳои сахт (металл, хӯла, бетон ва ғ.), ки бо чашми одӣ ё бо пурбин андаке калон карда дидан мумкин аст; баракси *микроструктура.*

**МАКРОФА́ГҲО,** [< *макро… + …фаг*]. *физиол.* Ҳуҷайраҳои бофтаҳои пайвасткунандаи организми одам ва ҳайвон, ки қодиранд бактерияҳо ва ҳар гуна ҷисмчаҳои барои организм бегона ва заҳрнокро дошта гирифта, ҳазм кунанд; баръакси *микрофаг.*

**МАКРОЭВОЛЮ́ТСИЯ (МАКРОЭВОЛЮ́ЦИЯ),** [< *макро… + эволютсия*]. *биол.* Макротаттаввур; маҷмуи равандҳои инкишофи таърихии фардҳои зинда, ки дар сатҳи забарнамуд, яъне баъди тамоман аз ҳам ҷудо шудани (*изолятсияи*) намудҳо ва қатъи мусовияти фарқи байни онҳо ба амал меоянд.

**МАКРОЭКОНО́МИКА,** [< *макро… + экономика*]. Макроиқтисод; соҳаи илми иқтисод, ки иқтисодро куллан ва муҳимтарин қисмҳои таркибии онро (мас., соҳикорӣ, бахши давлатӣ ва м. инҳоро) ҷузъан меомӯзад. || Мқс. микроэкономика.

**МА́КСВЕЛЛ,** [англ. maxwell – аз номи физики англис Ҷ. Максвелл (1831 – 1879)]. *физ., кӯҳна.* Воҳиди сели магнитӣ дар системаи воҳидҳои СГС; ифодаи мухтасараш – Мкс ё Мх.

**МА́КСИ,** [< лот. maximus калонтарин]. Хеле дароз (дар бораи либоси занона); баръакси *мини.*

**МАКСИ́М,** [англ. maxim – аз номи ихтироъкори амрикоӣ Хайрем Максим (1840 – 1916)]. Пулемёти чархдор.

**МА́КСИМА,** [лот. maxima асосӣ, олӣ]. **1**. Ҳикмат; андарз; принсипи мантиқӣ ё ахлоқӣ, ки дар шакли кӯтоҳу муҷаз ифода шудааст. **2**. Одоби муоширaт; қоидаи рафтор.

**МАКСИМАЛИ́ЗМ,** [< лот. maximum бисёртарин, калонтарин]. Ифрот; аз ҳади эътидол гузаштан дар коре ё ақидае.

**МАКСИМАЛӢ,** [< лот. maximum бисёртарин, калонтарин]. Миқдори аз ҳад зиёд; зиёдтарин, калонтарин, баландтарин.

**МА́КСИМУМ,** [< лот. maximum бисёртарин, калонтарин]. **1**. Бузургии калонтарин; миқдори зиёдтарин; ҳади аксар. || Мқс. минимум. **2**. *мат*. Қимати зиёдтарини функсия; баръакси *минимум*.

**МАКУЛАТУ́РА,** [< лот. maculare чиркин кардан]. **1**. Коғазкӯҳна; рӯзнома, маҷалла, китобҳои кӯҳнашудаи нодаркор, ки чун ашёи хоми такрорӣ ба корхонаҳои коғазбарорӣ фиристода мешаванд. **2**. *маҷ*. Китоби пастсифат; асаре, ки ягон қимати бадеӣ ё илмӣ надорад.

**МАЛА́ГА,** [исп. Malaga – аз номи ш. Малагаи Испания]. Як навъ майи ангурӣ, ки ба он қаҳва, какао ва дорувори хушбӯйкунанда илова карда мешавад.

**МАЛАКОЛО́ГИЯ,** [< юн. malakion моллюск + *...логия*]. *зоол*. Шохаи зоология, ки нармбаданҳоро (*моллюскҳоро*) меомӯзад.

**МАЛАКОФИЛИ́Я,** [< юн. malakion моллюск + *...филия*]. *биол*. Мутобиқ шудани баъзе растаниҳо ба гардолудшавӣ бо нармбаданҳо (*моллюскҳо*).

**МАЛАСА́РДА,** [ит. malasarda]. Ташкилоти дуздону қаллобон дар Италия.

**МАЛАХИ́Т,** [< юн. malache гули хайрӣ]. Даҳнаҷ; санги ахзар; минерали сабзи баланд аз синфи карбонатҳо; дар таркибаш миси бисёр дорад (зиёда аз 57%); бо барги гули хайрӣ ҳамранг аст ва номаш аз ҳамин ҷост.

**МАЛИГНИЗА́ТСИЯ (МАЛИГНИЗА́ЦИЯ),** [< лот. malignus зарарнок, марговар]. *тиб*. Ба ҳуҷайраи омоси бадфарҷом табдил ёфтани ҳуҷайраи дар аввал безарари бофта.

**МАЛИ́НА,** [рус.]. Тамашк; растании буттагӣ; меваааш ба марминҷон монанд буда, сурх, сиёҳ ва баъзан зардчатоб мешавад.

**МА́ЛИТСА (МА́ЛИЦА),** [заб. ненетсӣ]. Либоси мардонаи халқҳои Шимол – куртаи дарози пешмаҳкками кулоҳдор (капюшондор), ки аз пӯсти гавазн дӯхта мешавад ва пашмаш аз дарун аст.

**МАЛО́КА,** [ҳинд. Ам.]. Бошишгоҳи калони қабилавии ҳиндуён дар ҷангалзорҳои Амрикои Ҷанубӣ.

**МАЛПО́СТ (МАЛЬПО́СТ),** [фр. malle-poste]. *таър*. Аробаи почтакаш, ки то пайдо шудани роҳи оҳан почтаю мусофир мекашонд.

**МАЛСЕ́ККО (МАЛЬСЕ́ККО),** [< ит. male беморӣ + secco хушкӣ]. *бот*. Бемории занбӯруғии зироатҳои ситрусӣ, ки боиси хушкидани баргу навда ва баъдтар танаю решаи дарахт мегардад.

**МАЛТО́ЗА (МАЛЬТО́ЗА),** [англ. maltose]. *хим*. *Диахариди табиӣ*; қанди суманак; моддаи кристаллии беранг, ки дар тухм, гард ва шираи баъзе растаниҳо, мас., дар таркиби дони нешзадаи ҷав вуҷуд дорад. || Мқс. лактоза, сахароза.

**МА́ЛТУС (МА́ЛЬТУС),** [< англ. Malthus]. Назарияи Малтус – назарияе, ки сабаби асосии қашшоқӣ ва бекории одамонро дар зиёдшавии шумораи аҳолӣ

медонад; асосгузори ин таълимот иқтисодшинос ва рӯҳонии англис Томас Малтус (1766 – 1834) аст; мувофиқи назарияи мазкур, барои аз қашшоқӣ ва гуруснагӣ наҷот додани одамон никоҳ ва таваллудро маҳдуд намуда, шумораи аҳолиро ба таври табиӣ (гуруснагӣ, бемори, ҷанг) кам кардан лозим аст.

**МАЛЯ́Р,** [укр., пол.]. **1**. Дар аввал – рассом, ҳоло – рангмол, коргаре, ки дару девор ва м. инҳоро ранг мекунад. **2**. *маҷ*. Рассоми беҳунар.

**МАЛЯРИ́Я,** [ит. malaria < mal бад + aria ҳаво]. *тиб*. Вараҷа; бемории сироятие, ки бо табларзаи сахт зоҳир мегардад ва ба камхунӣ, иллатҳои испурч, ҷигар ва мағзи устухон бурда мерасонад; ба воситаи пашшаи вараҷа паҳн мешавад.

**МА́МБА,** [афр.]. *зоол.* Мори захрдор аз оилаи аспидҳо; дарозиаш то 4 м (4 намуд); дар ҷангалҳои намноки Африқо зиндагӣ мекунад; аз газидани он одам баъди ним соат ҳалок мешавад.

**МАММАЛИОЛО́ГИЯ, МАММАЛО́ГИЯ,** [< лот. mammalian ширхӯрҳо + *...логия*]. *зоол*. Фасли зоология, ки ширхӯрҳоро меомӯзад; *териология* низ гӯянд.

**МАММОГРА́ФИЯ,** [< лот. mamma синаи зан + *...графия*]. *тиб*. Тадқиқи рентгении ғадудҳои шир бо мақсади ташхиси бемориҳои сина.

**МАМО́Н, МАМО́НА,** [< юн. mamonas сарват]. **1**. Дар дини насронӣ – шайтон, иблис, ки тимсоли ҳарисӣ ва чашмгуруснагӣ аст. **2**. *маҷ*. Шиками калон чун тимсоли чашмгуруснагӣ, пурхӯрӣ ва баднафсӣ.

**МА́МОНТ,** [< лот. mammosus калон, азим]. Ҳайвони ширхӯри мурдарафта аз оилаи филҳо; қадаш аз 2,5 то 3,5 м, вазнаш то 7 т; пашми ғафс ва оҷҳои дарози каҷ дошт; дар асри санг зиндагӣ кардааст. || Мқс. мастодонт.

**...МАН,** [< юн. mania шавқ, рағбат]. Қисми охири калимаҳои мураккаб ба маънои шавқу рағбати беандоза доштани одам ба чизе, ки дар аввали калима омадааст, мас., *библиоман, наркоман, клептоман*; ба «...манд», «...дӯст» ва «...параст»-и тоҷикӣ мувофиқ меояд.

**МАНГАНИ́Н,** [< *марганетс* + *никел*]. Хӯлаи мис, марганетс ва никел, ки дорои муқовимати сахти электрӣ мебошад.

**МАНГАНИ́Т,** [< лот. manganum марганетс]. *маъд*. Минерал аз зерсинфи гидроксидҳо; рангаш сиёҳ ё бӯр, ҷилои металлӣ дорад; маъдани асосии марганетс ва хӯлаҳои он.

**МА́НГО,** [порт. manga < мал.]. Анбаҳ; як навъ дарахти ҳамешасабзи тропикӣ ва меваи ширину хушбӯи он.

**МАГО́ЛД (МАНГО́ЛЬД),** [ол. Mangold]. *бот*. Лаблабуи румӣ; як навъ лаблабуи сербарг, ки бехмева надорад; баргҳои сершираашро ба ҷои карам истифода мебаранд.

**МАНГУ́СТ,** [порт. mangust < ҳинд. Ам.]. *зоол.* Росу; ҳайвони дарандаи ширхӯр, дарозии баданаш то 70 см (14 намуд); дар Аврупои Ҷанубӣ-Ғарбӣ, Африқо ва Осиёи Ҷанубӣ зиндагӣ мекунад.

**МАНДАРИ́Н¹,** [фр. mandarine]. Норанг; дарахти ҳамешасабз аз оилаи ситрусиҳо ва меваи он, ки ба афлесун монанд аст.

**МАНДАРИ́Н²,** [порт. mandarin]. Номи аврупоии амалдорони калони Хитойи феодалӣ.

**МАНДАРИ́НКА,** [< фр. mandarine]. *зоол.* Парандае аз оилаи мурғобиҳо, ки дар Осиёи Ҷанубӣ-Шарқӣ зиндагӣ мекунад; дарозиаш то 40 см.

**МАНДА́Т,** [лот. mandatum супориш]. **1**. Ваколатнома; ҳуҷҷате, ки ба ягон амал ваколат ё ҳуқуқ доштани шахсро тасдиқ мекунад. **2**. *маҷ*. Ваколат, супориш.

**МАНДАТА́РИЙ,** [< лот. mandatum супориш]. *ҳуқ.* Ваколатдор; вакил; шахс ё ташкилоте, ки соҳиби ваколатнома (*мандат*) мебошад.

**МАНДОЛИ́НА,** [ит. mandolino]. Асбоби мусиқии тордор, ки бо мизроб менавозанд; дар асри 17 дар Италия ихтироъ шудааст.

**МАНДРАГО́РА,** [лот. mandragora]. Меҳргиёҳ, астаранг; гиёҳи бисёрсолаи шифобахше, ки решааш ба бадани одам монанд аст; дар таркиби М. *алкалоидҳо* вуҷуд доранд.

**МАНДРИ́Л,** [исп. mandril]. *зоол.* Маймуни каллакалони кӯтоҳдум аз ҷинси *павианҳо*; дар ҷангалҳои Африқои Ғарбӣ зиндагӣ мекунад.

**МАНЁ́ВР,** [фр. manoeuvre]. **1**. *ҳарб*. Дар майдони ҷанг аз як ҷо ба ҷои дигар ҳаракат кардани қисмҳои ҳарбӣ барои зарба задан ба душман; вобаста бо миқёси худ *стратегӣ, оперативӣ* ва *тактикӣ* мешавад. **2**. *ҳарб*. Машқи қисмҳои ҳарбӣ ё флот дар шароити ба ҷанг монанд. **3**. Пешу ақиб рафтани локомотиву вагонҳо барои тартиб додани поезд. **4**. Тағйир додани самти ҳаракати воситаҳои нақлиёт дар ҷои танг. **5**. *маҷ*. Ҳила, фиреб, чапғалат.

**МАНЕ́Ж,** [фр. manege]. **1**. Аспрез; пойгаҷо; майдони машқи асп. || Мқс. ипподром. **2**. Майдончаи машқ ва мусобиқа дар намудҳои гуногуни варзиши сабук (*гимнастика, атлетика* ва м. инҳо). **3**. Саҳнаи сирк; *арена* низ гӯянд. **4**. Катчаи гирдаш тӯрдор ё панҷарадор барои кӯдакони навроҳгард.

**МАНЕКЕ́Н,** [фр. mannequin < ҳол. mannekijn одам]. **1**. Ҳайкали пластикӣ ё чӯбини одам барои андоза гирифтан ё намоиш додани либос. **2**. Лухтаки дасту пойҳояш ҳаракаткунанда, ки рассомон барои кашидани сурати одам истифода мебаранд.

**МАНЕКЕНЧӢ́,** [< *манекен*]. Одаме, ки дар тани худ намунаҳои либосро намоиш медиҳад; *модел* низ гӯянд.

**МАНЕ́РА¹,** [фр. maniere]. **1**. Тарзи рафтор, гуфтор, шиштухези одам. **2**. Услуби нигориши рассом ё нависанда.

**МАНЕ́РА²,** [фр. maniere]. Қолаби чӯбин барои гулпартоӣ дар рӯи матоъ ё зардеворихо.

**МАНЕ́РКА,** [пол. manierka]. Обдони сафарӣ ва сарпӯши он, ки ба ҷои *истакон* истифода мешавад. || Мқс. фляга.

**МАНЖЕ́ТА,** [фр. manchette остин]. **1**. Нӯгостин, саростин; сари остини курта, камзӯл ва м. инҳо, ки ба остин дӯхта ё бо тугма маҳкам карда мешавад. **2**. *тех*. Мағзӣ; ҳалқаи резинӣ ё чармии мошин, дастгоҳ, насос ва м. инҳо, ки ба беҳуда хориҷ шудани моеъ ё газ монеъ мешавад.

**МАНЖЕ́ТКА,** [фр. manchette остин]. *бот*. Насрин; гиёҳи бисёрсола аз оилаи гуногунгулҳо, ки дар ҷангалу кӯҳҳо мерӯяд; аз решаю баргҳояш ранг ҳосил мекунанд.

**МАНИАКАЛӢ,** [фр. maniacal]. Савдоӣ, васвосӣ; ҳ о л а т и М . – ҳолати васвосӣ.

**МАНИКЮ́Р,** [фр. manicure < лот. manus даст + curare нигоҳубин кардан]. Нохунороӣ; тоза кардан ва пардоз додани нохунҳои даст.

**МАНИ́ПУЛА, МАНИ́ПУЛ,** [лот. manipulus]. *таър*. Ҷузъи лашкар дар Рими Қадим – аз сӣ як қисми *легион*. || Мқс. когорта.

**МАНИПУЛЯ́ТОР,** [< *манипулятсия*]. **1**. *тех*. Калиди телеграф – қисми дастгоҳи телеграф, ки барои чидани аломатҳои фиристодашаванда (аломатҳои Морзе) хизмат мекунад. **2**. *тех*. Олате, ки амалҳои (*манипулятсияҳои*) ба амалҳои дасти одам монандро иҷро мекунад. **3**. Шуъбадабоз, ҳуққабоз; чашмбанд; артисти сирк, ки бо ашёи гуногун моҳирона бозӣ мекунад. || Мқс. иллюзионист. **4**. *маҷ*. Ҳиллагар, найрангбоз, фиребгар, қаллоб.

**МАНИПУЛЯ́ТСИЯ (МАНИПУЛЯ́ЦИЯ),** [фр. manipulation < лот. manus даст]. **1**. Бо даст моҳирона иҷро кардани амалҳои мураккаб, мас., дар сирк. **2**. *маҷ*. Қаллобӣ, ҳиллагарӣ, найрангбозӣ, фиребгарӣ. || Мқс. махинатсия.

**МАНИФЕ́СТ,** [< лот. manifestum даъват]. **1**. Мурожиати тантанавии хаттии ҳокимияти олӣ ё сардори давлат ба аҳолӣ ба муносибати ягон воқеаи муҳим. **2**. Мурожиатномаи ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, иттифоқҳои эҷодӣ ва м. инҳо, ки барномаи амал, мақсаду маром ва ақидаҳои онҳоро дар бар мегирад.

**МАНИФЕСТА́ТСИЯ (МАНИФЕСТА́ЦИЯ),** [< лот. manifestatio ошкор кардан]. Роҳпаймоии оммавӣ барои изҳор намудани ҳамраъйӣ ё эътироз.

**МА́НИЯ,** [лот. Mania]. **1**. Дар асотири римиён ва юнониёни қадим – олиҳаи олами зеризаминӣ, ки ба ҷинояткорон ҷунун, девонагӣ ва ҷаҳолат ато мекард. **2**. *тиб*. Васваса, савдо; ҷунун; бемории рӯҳие, ки ҳангоми он шуур ва ҳиссиёт сахт ба чизе, идеяе равона шудааст. **3**. *маҷ*. Ҳисси пурзӯр, иштиёқ, майлу рағбати аз ҳад зиёд ба чизе.

**...МАНИЯ,** [юн. mania]. Қисми дуюми калимаҳои мураккаб, ки иштиёқи сахтро ба чизи дар қисми аввали калима овардашуда ифода мекунад, мас. *наркомания;* ба «...мандӣ», «...дӯстӣ» ва «...парастӣ»-и тоҷикӣ мувофиқ меояд.

**МА́НКО,** [ит. manco камомад]. *тиҷ., мол.* Камомади пул дар хазина (касса), инчунин камомади мол дар анбор ё фурӯшгоҳ, ки бо сабаби ғалат ҳисоб кардан рӯй додааст.

**МАНН,** [ол. қадим.]. Дар асотири олмониҳо – аввалин одаме, ки аз се писари ӯ се қабилаи аввалини олмониҳо – ингевонҳо, истевонҳо ва герминонҳо пайдо шудаанд.

**МА́ННА[1],** [< яҳ. қад. man атои (неъмати) осмонӣ]. Мувофиқи ривояти Библия – хӯроки аз осмон афтида барои яҳудиёне, ки баъди аз Миср берун шудан дар биёбонҳо оворагардӣ мекарданд.

**МА́ННА[2],** [< лот. manna ғалладона]. *бот.* **1**. Гулсанги лӯнда, ки дар минтақаҳои хушки Баҳри Миёназамин мерӯяд. **2**. Таранҷабин.

**МАННИ́Т,** [< *манна*[2]]. *хим.* Пайвасти органикӣ, спирти шашатома, ки дар таркиби гулсангҳо, обсабзҳои баҳрӣ ва занбӯруғҳо вуҷуд дорад.

**МАННО́ЗА,** [< *манна*[2]]. *хим. Моносахарид, изомери глюкоза.*

**МАНО́МЕТР,** [< юн. manos тунук + ...*метр*]. Фишорсанҷ; асбоб барои чен кардани фишори моеъ, буғ ва газ.

**МА́НОР,** [англ. manor]. **1**. Мулки феодалӣ дар Англияи асрҳои миёна. **2**. Ҳоло дар Британияи Кабир – хонаи боғчадори шахсӣ.

**МАНСА́РДА,** [фр. mansarde – аз номи меъмори фаронсавӣ Ф. Мансар (1598 – 1666)]. Болохона; манзар; хонаи истиқоматии иловагӣ дар зери боми хонаи асосӣ.

**МАНСИПА́ТСИЯ (МАНЦИПА́ЦИЯ),** [лот. mancipatio]. *таър., ҳуқ.* Дар ҳуқуқи Рими Қадим – ба ягон кас расман додани ҳуқуқи соҳибӣ ба моликият.

**МА́НТИКА, МА́НТЕЙЯ,** [юн. mantike]. Санъати фолбинӣ, раммолӣ.

**МАНТИ́ЛЯ (МАНТИ́ЛЬЯ),** [исп. mantilla]. Сарандози тӯрии занона дар Испания, Португалия ва Амрикои Лотинӣ.

**МАНТИ́ССА,** [лот. mantissa]. *мат.* Қисми касрии *логарифми* даҳӣ.

**МА́НТИЯ,** [< лот. mantus рӯйпӯш, болопӯш]. **1**. Або; як навъ либоси дарозу васеи ба *плаш* монанд, ки аҳли калисо, судяҳо, муаллимони академия мепӯшанд. **2**. *зоол.* Чинҳои пӯсти баъзе ҷонварони бемӯҳрапушт. **3**. *геол.* Яке аз қабатҳои даруни *геосфераи* Замин, ки дар байни қишри Замин ва мағзи (*ядрои*) Замин ҷойгир шудааст.

**МАНТО́,** [< лот. mantus рӯйпӯш, болопӯш]. Палтои васеи остинкӯтоҳ ва бетугмаи занона.

**МА́НТРА,** [< санск.]. Гуфтори изадӣ; каломи муқаддас; дуоҳои кӯтоҳе, ки коҳинони ҳиндӣ ва зардуштиён дар вақти намоз мехонданд.

**МАНТУ́,** [аз номи табиби фаронсавӣ Ш. Манту]. *тиб.* Ба қабати пӯст ворид намудани *туберкулин* бо мақсади ташхиси барвақти бемории сил.

**МАНУА́Л[1],** [< лот. manualis дастӣ]. Қаторзабонаки (*клавиатураи*) дастии арғунун, *клавесин* ва *фисгармония.*

**МАНУА́Л[2],** [< лот. manualis дастӣ]. *гуфт.* Духтуре, ки беморонро бо усули мануалӣ (ниг. *мануалӣ*) муолиҷа мекунад.

**МАНУАЛӢ,** [< *мануал*]. М у о л и ҷ а и  м а н у а л ӣ – муолиҷа бо даст (масҳ, ламс ва амалҳои диг.).

**МАНУСКРИ́ПТ,** [лот. manuscriptum < manus даст + scribo менависам]. Дастнависи қадимӣ; умуман дастнавис.

**МАНУФАКТУ́РА,** [лот. manufactura < manus даст + facere тайёр кардан]. **1**. Шакли истеҳсолоти капиталистӣ, ки ба истифодаи меҳнати дастӣ ва тақсими меҳнат дар байни коргарони кироя асос ёфтааст. **2**. Маснуоти саноати бофандагӣ.

**МАНЯ́К (МАНЬЯ́К),** [< юн. mania рағбат, майл, ҷунун]. Одами васвосӣ, савдоӣ; гирифтори *мания* (ба маънои 2).

**МАОИ́ЗМ,** [< Мао – номи сарвари инқилоби Хитой Мао-сзедун + пасв. -изм]. Системаи ақидаҳо ва сиёсати роҳбарияти Хитой дар давраи ҳукмронии Мао-сзедун, ки ба миллатгароӣ ва шовинизми бузургдавлатӣ асос ёфтааст.

**МАРАБУ́,** [фр. marabout]. *зоол.* Бутимор; ҷинси паранда аз оилаи лаклакҳо; қадаш то 1,5 м; сараш бепар, минқори дароз дорад.

**МАРА́ЗМ,** [< юн. marasmos заифӣ, қамқувватӣ]. Заиф ё қатъ гардидани фаъолияти рӯҳии одам бо сабаби пажмурдашавии (*атрофияи*) қишри мағзи сар; одатан дар пиронсолӣ ё дар натиҷаи бемории дурудароз инкишоф меёбад.

**МАРА́КАС,** [исп.. maracas]. Асбоби мусиқии шақшақамонанди халқҳои Америкои Ҷанубӣ, ки одатан дар *ҷаз, рок-* ва *поп-мусиқӣ* менавозанд.

**МАРА́Л,** [< муғ. maral модагавазн]. *зоол.* Оҳуи калони сибирӣ аз оилаи гавазнҳо; дарозии танаш то 2,5 м, қадаш то 1,5 м; наринааш чанбаршох, модинааш бешох аст.

**МАРА́НҲО,** [исп.. marranos]. *таър.* Дар Испания ва Португалияи асрҳои 14 - 15 – яҳудиён ва мусулмононе, ки бо сабабҳои гуногун дини насрониро қабул карда буданд, вале пинҳонӣ пайравию парастиши дини пештараи худро давом медоданд.

**МАРАФО́Н,** [юн. Maraphon – аз номи Марафон ном деҳаи Юнон, ки дар назди он юнониён соли 490 то милод лашкари форсҳоро торумор карда буданд; мувофиқи ривоят, ҷанговари эллинӣ аз деҳаи Марафон ба Афина, ки масофааш 42 км 195 м аст, давида омада, хушхабарро расондааст ва сипас афтида ҷон додааст]. **1**. *варз.*

Дар атлетикаи сабук, лижаронӣ ва баъзе намудҳои дигари варзиш – пойга ба масофаи дур (42 км 195 м ба поси хотири ҷанговари эллинӣ). **2**. Мусобиқаи дарозмуддат, ки аз чанд давр ё зина иборат аст, мас., М.-и шоҳмот. **3**. *маҷ*. Барномаи чандинсоатаи телевизионӣ ё радиоӣ бо мақсади эҳсонкорӣ.

**МАРВА́РИ,** [санск.]. Ҷамъияти савдогарону судхӯрон дар Ҳиндустони асрҳои миёна; дар Ҳиндустони имрӯза намояндагони М. ба як қатор ширкатҳои калон роҳбарӣ мекунанд.

**МА́РГАНЕТС (МА́РГАНЕЦ),** [ол. Marganerz]. Элементи химиявӣ, металли нуқрагуни сафедтоб аз гурӯҳи VII системаи даврӣ (Mn); дар металлургия (истеҳсоли пӯлод ва чӯян), кишоварзӣ ва тиб истифода мешавад.

**МАРГАРИ́Н,** [< юн. margaros садаф]. Маҳсулоти маскамонанде, ки аз омехтаи равғани растанию чарбуи ҳайвонот, шир, қанд, намак, витаминҳо ва дорувори хушбӯй ва хуштаъм иборат аст.

**МАРГАРИ́ТКА,** [рус. < юн. margaros садаф]. *бот*. Гули марворид; гули мино; гиёҳи бисёрсола аз оилаи мураккабгулҳо.

**МАРГИНА́Л,** [< лот. marginalis дар канор ҷойгиршуда, канорӣ]. Дар сотсиология – шахсе, ки аз гурӯҳи иҷтимоии худ берун шудааст; мардуд, муртад.

**МАРГИНАЛӢ́,** [< *маргинал*]. **1**. Дар ҳошияи китоб, дастхат навишташуда. **2**. Иловагӣ, фаръӣ, дуюмдараҷа, ғайриасосӣ, на чандон муҳим. **3**. Дар канор воқеъшуда, наздимарзӣ.

**МАРГИНА́ЛИЯ,** [< *маргинал*]. Қайдҳо ё сарлавҳаҳои дар ҳошияи китоб, маҷалла чопшуда. || Мқс. колонтитул.

**МАРЕ́НГО,** [ит. marengo]. **1**. Ранги сиёҳи хокистарӣ; ашҳаб. **2**. Матоъ ё либосе, ки рангаш чунин бошад.

**МАРЕО́ГРАФ,** [< лот. mare баҳр + …*граф*]. Асбоб барои сабт намудани тағйирёбии сатҳи об дар баҳр ё кӯл; *лимниграф* низ гӯянд.

**МА́РЖА,** [англ. margin]. *тиҷ*. Фарқи байни нархи фурӯш ва нархи хариди ягон чиз, мас., асъор, коғазҳои қиматбаҳо; фарқи байни нархе, ки фурӯшанда талаб мекунад, ва нархе, ки харидор пешниҳод менамояд (дар фурӯшгоҳ, бозор).

**МАРЖИНАЛИ́ЗМ,** [фр. marginalisme < *маргинал* + пасв. -изм]. *иқт*. Яке аз принсипҳои иқтисоди сиёсӣ – истифодаи бузургиҳои ниҳоӣ дар таҳлил ва тадқиқи қонуну категорияҳои иқтисодӣ.

**МАРИКУЛТУ́РА (МАРИКУЛЬТУ́РА),** [< лот. mare бахр + cultura парвариш]. Парвариши ҳайвоноту набототи обӣ (мас., моҳиҳо, нармбаданҳо, обсабзҳо ва ғ.) дар парваришгоҳҳои махсус, ки бо оби бахр ё оби шӯр пур карда шудаанд; *аквакултура* низ гӯянд.

**МАРИ́НА,** [ит. marina < лот. mare баҳр]. Сурати баҳр.

**МАРИНА́Д,** [фр. marinade]. **1**. Маҳлули дорои сирко, намак, шакар ва дорувори лаззатфизо барои очор кардан; туршӣ. **2**. Очор; маҳсулот (гӯшт, моҳӣ, сабзавот, мева)-и дар ин маҳлул хобондашуда.

**МАРИНИ́ЗМ,** [< лот. mare баҳр + пасв. -изм]. Кӯшиши ҳукмрони баҳр шудани давлат бо роҳи зиёд кардани қувваҳои ҳарбии баҳрии худ.

**МАРИНИ́СТ,** [ит. marinista < лот. mare баҳр]. Баҳрнигор; рассом ё нависандае, ки манзараҳои баҳрро тасвир мекунад.

**МАРИ́НКА,** [рус. < лот. mare баҳр]. *зоол*. Ширмоҳӣ; ҷинси моҳии осиёгӣ аз оилаи капурҳо, ки дар обҳои ширин зиндагӣ мекунад.

**МАРИОНЕ́ТКА,** [фр. marionette]. **1**. Лӯхтаки театрӣ, ки ба воситаи ресмон ба ҳаракат доварда мешавад. **2**. *маҷ*. Шахс, созмони сиёсӣ ё ҳукумате, ки на бо ихтиёри худ, балки бо хости дигарон амал мекунад; бозичаи дасти дигарон; дастнишонда.

**МАРИХУА́НА,** [< исп. mariguana]. Яке аз маводи мухаддири сахттаъсир, ки аз бангдонаи ҳиндӣ (мексикоӣ) ҳосил карда мешавад. || Мқс. героин, кокаин, опий, опиум.

**МА́РКА[1],** [ол. Marke]. **1**. Аломати пардохти хизмати почта, ки шакли чоркунҷа ва қимати гуногун дошта, ба рӯи лифофаи мактуб ё бори ирсолшаванда часпонда мешавад. || Мқс. бандерол (ба маънои 3). **2**. Нишон (тамға)-и корхонаи истеҳсолӣ (мас., фабрика) ё ширкати тиҷоратӣ; нишони мол. **3**. Пулакчаи металлӣ, ки дар тарабхона ё дар бозиҳо ба ҷои пул истифода мешавад. || Мқс. жетон. **4**. Навъ, хел, дараҷа, сифат. || Мқс. категория, класс, модел.

**МА́РКА[2],** [ол. Mark]. Воҳиди пули Олмон ва Финляндия то ҷорӣ шудани *евро*.

**МА́РКА[3],** [ол. Marke]. *таър*. **1**. *таър*. Ҷамъияти деҳқонон дар баъзе мамлакатҳои Аврупои Ғарбии асримиёнагӣ; дар М. заминҳои кишт ва чарогоҳу ҷангалҳо умумӣ буданд. **2**. Дар Олмони асрҳои миёна – вилояти сарҳадӣ, ки ба он *маркграф* роҳбарӣ мекард.

**МАРКАЗИ́Т,** [фр. marcasita]. *маъд*. Минерал, дисулфиди оҳан; дар таркибаш марги муш, никел ва элементҳои дигар дорад; аз М. асосан кислотаи сулфат ҳосил мекунанд.

**МАРКГРА́Ф,** [ол. Markgraf]. Ҳокими вилояти сарҳадӣ (*марка*) Дар Олмони асрҳои миёна.

**МА́РКЕР,** [англ. marker < to mark қайд кардан, нишон додан]. Як навъ *фломастери* ғафс – хомаи рангдор барои хатнависӣ, суратнашӣ, ранг молида ҷудо кардани қисми даркории матн.

**МАРКЁР[1],** [фр. marqueur]. Хизматгор ва ҳисобчии бозии билярд.

**МАРКЁР²,** [фр. marqueur]. *кшв*. **1**. Ҷӯяккашак; олати кишоварзӣ, ки пеш аз ниҳолшинонӣ бо он ҷӯяк ё хат мекашанд. **2**. Қисми лаълидори (дискдори) тухмипошак.

**МА́РКЕТ,** [англ. market]. **1**. Бозор. **2**. Савдо, фурӯш.

**МА́РКЕТИНГ,** [< *маркет*]. *иқт*., *тиҷ*. **1**. Системаи идоракунии фаъолияти истеҳсолию тиҷоратии корхона бо мақсади зиёд кардани ҳаҷми фурӯш; М. омӯзиши бозор, пешгӯии талабот, ба роҳ мондани истеҳсоли намудҳои нави маҳсулот, *реклама*, банақшагирии оқилона ва татбиқи чорабиниҳои дигарро дар бар мегирад. **2**. Савдо, фурӯш.

**МАРКЕТ-МЕ́ЙКЕР**, [англ. market maker]. Бонки калон ё ташкилоти молиявие, ки дар муомалаҳои хариду фурӯши бозорҳои биржавӣ ё ғайрибиржавӣ бевосита иштирок мекунад.

**МАРКЕТОЛО́ГИЯ,** [< англ. market + юн. logos илм]. Бозоршиносӣ; соҳаи илми иқтисод, ки назария ва усулҳои *маркетингро* меомӯзад.

**МАРКЕТРИ́,** [фр. marqueterie]. Хотамкорӣ, кошинкорӣ (бо чӯб, устухон, металл ва ғ.).

**МАРКИ́З,** [фр. marquis]. Унвони дворянӣ дар баъзе мамлакатҳои Аврупои Ғарбӣ. || Мқс. барон, виконт, герсог, граф, лорд.

**МАРКИ́ЗА¹,** [фр. marquise]. Зан ё духтари *маркиз*. || Мқс. баронесса.

**МАРКИ́ЗА²,** [фр. marquise]. Соябони болои тиреза ё дар; шамсия.

**МАРКИ́ЗА³,** [фр. marquise]. Ангуштарини нигинаш байзашакл; алмоси суфтаи байзашакл.

**МАРКИЗЕ́Т,** [фр. marquisette]. Матои нафису шаффофи пахтагин ё абрешимин.

**МАРКИТА́НТ,** [< ит. mercatante савдогар]. *таър*. Аз замони легионҳои Рим сар карда то аввали асри XX – баққол, савдогари молҳои майда (бештар хӯрокворӣ), ки дар вақти сафарҳои ҳарбӣ ҳамроҳи лашкар мегашт.

**МАРКСИ́ЗМ,** [аз номи К. Маркс]. Таълимоти иқтисодӣ ва иҷтимоию сиёсии Карл Маркс ва Фридрих Энгелс дар бораи қонунҳои инкишофи ҷамъият, мубориза синфӣ чун муҳаррики пешрафти иҷтимоӣ, ногузирии инқилоби сотсиалистӣ ва диктатураи пролетариат, дар бораи *сотсиализм* ва *коммунизм*.

**МАРКСИ́СТ,** [< *марксизм*]. Пайрави *марксизм*.

**МАРКШЕ́ЙДЕР,** [ол. Markscheider < Mark марз, ҳудуд + scheiden ҷудо кардан]. Муҳандиси корҳои кӯҳӣ; коншинос; мутахассис оид ба нақшакашии геодезии конҳои зеризаминӣ ва истифодаи дурусти маъданҳо.

**МАРКШЕЙДЕРИ́Я,** [ол. Markscheiderei]. Соҳаи илми коншиносӣ, ки бо омӯзиши сохт, шакл ва миқёси конҳо, инчунин бо андозагирии фазоӣ-геометрӣ дар қаъри замин ва қитъаҳои муайяни рӯи замин машғул мебошад.

**МАРЛИ́Н,** [англ. marlene]. Ҷинси моҳии уқёнусӣ аз оилаи аломоҳиҳо; дарозиаш то 6 м, вазнаш то 900 кг.

**МА́РЛЯ,** [рус. < фр. marle – аз номи деҳаи Марли дар Фаронса]. Дока.

**МАРМА́Р,** [< юн. marmaros санги дурахшон]. Ҷинси кӯҳии (санги) кристаллӣ, ки дар натиҷаи тағйирёбии сохту таркиби (*метаморфизми*) оҳаксангу *доломитҳо* ҳосил мешавад; дар меъморӣ ва ҳайкалтарошӣ ба кор меравад.

**МАРМАТИ́Т,** [англ. marmatite]. *маъд*. Сфалерити сиёҳ; ниг. *сфалерит*.

**МАРМЕЛА́Д,** [фр. marmelade]. Ҳалвои мевагӣ; маснуоти қаннодие, ки аз шираи мева, орди картошка, шакар ва дорувори хушбӯй тайёр карда мешавад.

**МАРМИ́Т,** [фр. marmite]. Бухории ҷевоншакл барои гарм нигоҳ доштани хӯрок.

**МАРОДЁР,** [фр. maraudeur]. **1**. Шахсе, ки дар майдони ҷанг ҳалокшудагон ва маҷруҳонро ғорат мекунад. **2**. Шахсе, ки дар вақти ҷанг ё офатҳои табиӣ аҳолиро ғорат мекунад.

**МАРОКЕ́Н,** [< фр. marocain марокашӣ]. Як навъ матои ғафс аз абрешими сунъӣ; аввалин маротиба дар Марокаш тайёр карда шудааст ва номаш аз ҳамин ҷост.

**МАРО́Р,** [яҳ. қад.]. Дар дини яҳудиён – ягон кабудии талх, мас., каҳзак, ки дар бегоҳии якуми *писҳо* истеъмол мекунанд (барои аз ёд набаровардани талхии асорат ва ғуломӣ).

**МАРРА́НҲО, МАРА́НҲО,** [< исп. marranos хукҳо]. Дар Испания ва Португалияи асрҳои миёна – яҳудиёне, ки таҳти фишори ҳокимияти католикӣ дини насрониро қабул карда буданд.

**МАРС¹,** [лот. Mars]. **1**. Дар асотири римиёни қадим – худои ҷанг. **2**. *астр*. Миррих; номи яке аз сайёраҳои системаи офтобӣ, ки ранги сурхча, ду радифи табиӣ ва *атмосфера* дорад.

**МАРС²,** [ҳол. mars]. Майдонча дар болои сутуни киштӣ барои мушоҳидаи уфуқ ва дидбонӣ (дар киштиҳои бодбондор – барои идора намудани бодбонҳо).

**МА́РСЕЛ (МА́РСЕЛЬ),** [ҳол. marszeil]. Бодбони трапетсияшакли аз поён дуюм дар киштиҳои ростбодбон. || Мқс. бизан.

**МАРСЕЛЙЕ́ЗА (МАРСЕЛЬЕ́ЗА),** [< фр. Marseillaise – аз номи шаҳри Марсели Фаронса]. Суруди инқилобии фаронсавӣ дар замони инқилоби кабири Фаронса, ки с. 1792 аз тарафи Руже де Лил навишта шуда буд ва баъдҳо суруди (гимни) давлатии Фаронса гардид.

**МАРСИПА́Н (МАРЦИПА́Н),** [ит. marzapane]. Лавзина; ҳалвои лавз; маснуоти қаннодие, ки аз бодому чормағзи кӯфта ва қиёми шакар тайёр карда мешавад.

**МАРТ,** [лот. Mars]. Моҳи сеюми соли тақвимӣ, ки аз 31 шаборӯз иборат аст.

**МАРТЕ́Н,** [фр. martin – аз номи металлурги фаронсавӣ Пйер Мартен]. Кура (печ)-и пӯлоду чӯянгудозӣ.

**МАРТЕНӢ,** [< *мартен*]. **1**. Кура (печ)-и мартенӣ – ниг. *мартен.* **2**. Пӯлоди мартенӣ – пӯлоди дар чунин кура гудохташуда.

**МАРТИ́НИ,** [англ. martini]. Нӯшокӣ аз омехтаи *вермути* сафед, *ҷин*, пӯсти лимӯ ва меваи зайтун.

**МАРТИРОЛО́Г,** [лот. martyrologium]. **1**. Яке аз намудҳои адабиёти калисоӣ – маҷмуи ривоятҳо дар бораи риёзаткашандагон ва қудсиёни насронӣ. **2**. *маҷ.* Рӯихати таъқибшудагону ситамдидагон.

**МАРТИ́ШКА (МАРТЫ́ШКА),** [рус. < лот.]. *зоол.* Маймуни хурди биниборик, ки дар ҷангалҳои Африқо зиндагӣ мекунад; дарозии баданаш 0,2 - 0,7 м, дарозии думаш то 1 м (20 намуд).

**МАРШ[1],** [ол. Marsch < фр. marche < marcher роҳ гаштан]. **1**. Роҳгардии ботартибу бонизом дар саф. **2**. Роҳпаймоии муташаккили пиёда ё савораи лашкар. **3**. Асари мусиқие, ки дорои зарби муназзам ва рӯҳияи мутантан буда, мувофиқи оҳанги он қадам мемонанд.

**МАРШ[2],** [ол. Marsch < фр. marche < marcher роҳ гаштан]. Фармон барои пеш рафтан, қадам задан, роҳ гаштан, ба ҷое рафтан.

**МАРШ[3],** [фр. marche]. Як печи зина; қисми зина аз як майдонча то майдончаи дигар.

**МАРШ[4],** [ол. Marsch]. *геогр.* Қитъаи пасту ҳамвори соҳили баҳр, ки ҳангоми мадд зери об мемонад.

**МА́РШАЛ,** [ол. Marschall]. Рутбаи ҳарбии аз *генерал* боло дар қувваҳои мусаллаҳи баъзе мамлакатҳо. || Мқс. адмирал, генерал, фелдмаршал.

**МАРШИ́Т,** [< ол. Marsch]. *маъд.* Минерали зард, иодиди мис (CuI).

**МАРШ-МАНЁ́ВР,** [< *марш* + *манёвр*]. *ҳарб.* Аз як ҷо ба ҷои дигар ҳаракат кардани қисмҳои калони лашкар (*армия, корпус*) дар майдони муҳориба бо мақсади хубтар ҷойгир кардани қувваҳои ҷангӣ (ниг. *манёвр* ба маънои 1).

**МАРШРУ́Т,** [ол. Marschrute < фр. marche паймудан + route роҳ]. **1**. Роҳи пешакӣ муайяншудаи ҳаракати нақлиёт, сайёҳон, ҳарбиён ва ғ. **2**. Поезди боркаш, ки бор ва миқдори вагонҳояшро дигар накарда, ба ҷои таъйиншуда мерасад.

**МАРЯ́Ж (МАРЬЯ́Ж),** [фр. mariage]. **1**. *кӯҳна.* Никоҳ; тӯй. **2**. Дар қартабозӣ – шоҳ ва *дамаи* холашон якхела дар дасти як бозигар.

**МАСЕДУА́Н,** [фр. macedoine]. Як навъ таоме, ки аз меваю сабзавоти ҷӯшондашуда ва қайла иборат аст. || Мқс. винегрет.

**МА́СКА,** [фр. masque]. **1**. Ниқоб; чизе, ки барои нашиносондани худ дар бозию базмҳои хурсандӣ ё дар вақти содир намудани ҷиноят ба рӯй мепӯшанд. **2**. *маҷ*. Риёкорӣ, мунофиқӣ; симои сохтакорона. || Мқс. ширма. **3**. Қолаби гаҷии рӯйи одами мурда. **4**. Паном; ниқоб; порчаи матоъ (бештар дока), ки барои муҳофизат аз микробҳо ба пеши даҳону бинӣ мебанданд. **5**. Дар пардозгарии рӯй (*косметика*) – қабати *крем*, марҳам ва м. инҳо, ки ба рӯй молида мешавад.

**МАСКАРА́Д,** [фр. mascarade < ит. mascherata < maschera ниқоб]. **1**. Базми ниқоб; базми ниқобдорон. || Мқс. карнавал. **2**. *маҷ*. Мунофиқӣ, риё, фиреб.

**МАСКАРО́Н,** [< ит. maschera ниқоб]. *меъм*. Муҷассамаи ниқобшакли барҷастаи одам ё ҳайвон дар девори иморат.

**МАСКИРО́ВКА,** [рус. < ит. maschera ниқоб]. **1**. *ҳарб*. Маҷмуи воситаю усулҳои аз душман пинҳон кардани ҷанговарон, техникаи ҳарбӣ ва мавқеи онҳо. **2**. Тағйир додани симо бо ёрии *грим*, риш, бурут, мӯи сари сунъӣ, либос ва воситаҳои дигар. **3**. *маҷ*. Мунофиқӣ, риё, фиреб; пардапӯш намудани ниятҳои аслии худ бо ҳар восита.

**МАСКУЛИНИЗА́ТСИЯ (МАСКУЛИНИЗА́ЦИЯ),** [< лот. masculinus мардона]. *физиол*. Мардмонандӣ; дар занҳо пайдо шудани аломатҳои ҷинсии мардона (мас., мӯйлаб, риш, овози ғафс ва ғ.); *вирилизм* низ гӯянд. || Мқс. феминизатсия.

**МАСО́Н,** [< фр. macon гилкор, сангтарош]. Узви ҷамъияти *масония*.

**МАСОНИЯ́,** [< *масон*]. Ҷараёни динию ахлоқие, ки дар ибтидои асри 18 дар Британияи Кабир пайдо шуда, баъд дар тамоми Аврупо, инчунин дар ИМА ва Исроил шуъбаю маҳфилҳои (*ложаҳои*) худро кушод; М. мекӯшад, ки одамонро дар асоси баробарӣ, бародарӣ, муҳаббат ва муованат муттаҳид намояд; пайравони М. аҳком ва оини калисоро рад карда, Худоро ҳамчун «меъмори бузурги олам» мепарастанд; «Оиннома», ки с. 1723 аз тарафи мубаллиғи англис Ҷ. Андерсон тартиб дода шудааст, ба масонҳо дастур медиҳад, ки «на мулҳиди боақл ва на озодандеши бедин» бошанд; аҳли М. дар сиёсат ақидаҳои иртиҷоӣ доранд.

**МА́ССА,** [< лот. massa лӯнда]. **1**. *физ*. Яке аз бузургиҳои асосии физикӣ, ки хосиятҳои *инертӣ* ва *гравитатсионии* материяро муайян мекунад. **2**. Бузургӣ ё миқдори ягон чиз, мас., М.-и фоида – бузургии мутлақи фоида, ки корхона аз фурӯши мол ё расондани хизматҳо гирифтааст. **3**. Ҳар чизи бешакли хамирмонанд. **4**. Анбӯҳ, тӯда; бисёр, миқдори зиёд.

**МАССА́Ж,** [фр. massage < masser молидан]. Масҳ; таъсиррасонӣ ба сатҳи бадан бо роҳи молидан, сила кардан, пучидан, задан, фишурдан ва ғ. бо даст ё бо асбобҳои махсус бо мақсади муолиҷа ё гигиена.

**МАССИ́В,** [фр. massif < лот. massa лӯнда]. **1**. Ноҳия; минтақа; маҳалла; масоҳати калони аломатҳои географиаш якхела, мас., М.-и кӯҳистон (ноҳияи кӯҳистон), М.-

и ҷангал (минтақаи ҷангал), М.-и истиқоматӣ (маҳалла). **2**. Кӯҳи болояш (қуллааш) нисбатан ҳамвор ва таркиби геологиаш якҷинса. **3**. Бетонсанги калони чоркунҷа, ки дар сохтмони сарбанд ва диг. иншоотҳои гидротехникӣ истифода мешавад.

**МА́СС-МЕ́ДИА,** [англ. mass media]. Воситаҳои ахбори омма (матбуоти даврӣ, радио, телевизион).

**МАССО́ВКА,** [< пол. masowka гирдиҳамоӣ]. **1**. *таър*. Маҷлиси пинҳонии инқилобӣ дар Россия то с. 1917. **2**. Дар кино ва театр – саҳнаи серодам; намоише, ки дар он актёрони зиёд, аз он ҷумла актёрони ғайрикасбӣ – шаҳрвандони одӣ нақш бозӣ мекунанд. **3**. Саёҳати оммавӣ, дастаҷамъӣ.

**МАСС-СПЕКТРО́МЕТР,** [< *масса* + *спектрометр*]. Асбобе, ки зарраҳои ионизонидаи атому молекулаҳоро мувофиқи массаашон ба дастаҳо ҷудо мекунанд (дар асоси таъсири майдонҳои магнитию электрӣ ба дастаи ионҳои дар *вакуум* ҳаракаткунанда).

**МАСС-СПЕКТРОМЕТРИ́Я,** [< *масса* + *спектрометрия*]. Усули тадқиқи сифатию миқдории модда бо роҳи муайян кардани спектри ионҳо, атомҳо ва молекулаҳое, ки ба таркиби он дохил мешаванд; масс-спектроскопия низ гӯянд.

**МА́СТЕР-КЛА́СС,** [англ. master-class]. Дар соҳаи санъат – дарси маҳорат; машғулияте, ки мутахассиси машҳур ва обрӯманди соҳа бо навозандагон ва раққосони ҷавон мегузаронад.

**МАСТЕРО́К,** [рус. < англ. master усто]. Белчаи махсуси дастадор, ки дар вақти андова истифода мешавад.

**МАСТИ́КА,** [< юн. mastiche қатрон]. **1**. Сирешим; хамираи муммонанди гуногунтаркиб барои пур кардани роғҳо, ҷилодор кардани фаршҳои тахтагӣ; дар дуредгарӣ ва техника низ васеъ истифода мешавад. **2**. Самғ; шилм; қатрони баъзе дарахтҳо.

**МАСТИ́Т,** [< юн. mastos сина, пистон]. *тиб*. Варами сина; газаки ғадуди шири одам ва ҳайвон дар натиҷаи даромадани *инфексия* аз сӯрохиҳои пистон. || Мқс. мастопатия.

**МАСТИ́Ф, МАСТИ́ФФ,** [англ. mastiff]. Зоти саги англисӣ аз оилаи *догҳо*; М.-ҳо сагҳои калонтарини дунё ба шумор мераванд; одамро, одатан, намегазанд, вале бо ҷуссаи калону вазнини худ зада аз по меафтонанд.

**МАСТИХИ́Н,** [< юн. mastiche қатрон]. Корди чандири рассомон, ки барои омехта кардани рангҳо, тарошида гирифтани ранги зиёдатӣ аз рӯи сурат, тоза намудани *палитра* ва мақсадҳои диг. истифода мешавад.

**МАСТОДОНЗА́ВР,** [< юн. mastos пистон + odus (odontos) дандон + …*завр*]. *пал.* Яке аз охирин *лабиринтодонтҳо*, ки дар давраи *триас* зиндагӣ кардааст; дандонҳояш ба пистон монанданд ва номаш аз ҳамин ҷост.

**МАСТОДО́НТҲО,** [< юн. mastos пистон + odus (odontos) дандон]. *пал.* Ҳайвонҳои калони ширхӯр аз оилаи хартумдорҳо, ки ба фил ё *мамонт* монанд буданд; то ибтидои давраи ҳозираи геологӣ зиндагӣ кардаанд; қадашон то 3,5 м.

**МАСТОИДИ́Т,** [< юн. mastos пистон + eidos намуд]. *тиб.* Варами шохаи пистоншакли устухони чаккаи сар.

**МАСТОПАТИ́Я,** [< юн. mastos сина, пистон + pathos дард, беморӣ]. *тиб.* Бемории ғадудҳои шир (сина), ки бо калон шудани бофтаҳои ғадудӣ ва фиброзӣ, сахт шудани ғадуд, дарди сина ва омадани хун аз нӯги пистон зоҳир мегардад. || Мқс. мастит.

**МАСТУРБА́ТСИЯ (МАСТУРБА́ЦИЯ),** [лот. masturbatio < mastus даст + stuprare ҳаром кардан]. Кафакӣ; истимно; ба таври сунъӣ қонеъ гардондани нафси шаҳвонӣ бо роҳи ангезиш додани узвҳои таносул; *онанизм* низ гӯянд.

**МАСШТА́Б¹,** [ол. Maβstab]. **1**. Таносуби дарозии хати харита ё нақша бо дарозии ҳақиқии хати маҳал; бо каср ифода карда мешавад (мас., 1 : 100000). **2**. *маҷ.* Миқёс; андоза.

**МАСШТА́Б²,** [ол. Maβstab]. Вазн (масса)-и металл, ки ба сифати воҳиди пулӣ қабул шудааст; баъди ҷанги дуюми ҷаҳон дар асоси созишномаи байни мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳон нархи расмии тилло ҳамчун М. қабул карда шуд.

**МАТ¹,** [англ. mat < лот. matta]. **1**. Бурё; гилемчаи аз ягон масолеҳи сахту бадошт бофташуда. **2**. *варз.* Гилеми ғафсу мулоими кӯрпашакл, ки дар толори варзишӣ барои лат нахӯрдани варзишгарон ҳангоми иҷрои машқ истифода мешавад.

**МАТ²,** [< ол. matt хира]. Хирагӣ, беҷилоии сатҳи ягон чиз.

**МАТАДО́Р,** [исп. matador < matar куштан]. Иштирокчии асосии буққаҷанг (*коррида*), ки ба буққа бо шамшер зарбаҳои марговар мезанад; *тореадор* ё *эспада* низ гӯянд.

**МАТЕ́, МАТЭ́,** [исп. mate < заб. кечуӣ]. Дарахти ҳамешасабзи тропикӣ дар Амрикои Ҷанубӣ, ки аз баргу навдаҳои ҷавони он чой тайёр мекунанд; чойи парагвайӣ низ гӯянд.

**МАТЕЛО́Т,** [фр. matelot]. Ҳамсоякиштӣ; киштии ҳамшафат дар корвони киштиҳои ҳарбӣ.

**МАТЕМА́ТИКА,** [юн. mathematike < mathema илм, дониш]. Илм дар бораи муносибатҳои миқдорӣ ва шаклҳои фазоии олами воқеӣ; риёзиёт.

**МАТЕРИА́Л,** [< лот. materialis моддӣ]. **1**. Масолеҳ; моли хом; ҳар чизе, ки барои тайёр кардани ягон чиз истифода шавад. **2**. Маҷмуи маълумот ё ҳуҷҷатҳо оид ба ягон масъала. **3**. Маҷмуи фардҳо, ки аз рӯи ягон аломат интихоб шудаанд, мас. М.-и *селексионӣ*. **4**. Матоъ, газвор.

**МАТЕРИАЛИЗА́ТСИЯ (МАТЕРИАЛИЗА́ЦИЯ),** [< *материал*]. Дар амал татбиқ кардан; амалисозӣ, мас., М.-и ғоя, ният, фикр (*идея*).

**МАТЕРИАЛИ́ЗМ,** [< лот. materialis моддӣ]. Равияи асосии фалсафа, ки, бар хилофи *идеализм*, *материя*, табиат, ҳастиро муқаддам дониста, шуур, тафаккурро хосияти материя мешуморад; М. тасдиқ менамояд, ки материя асоси тамоми мавҷудот аст, олами моддӣ новобаста аз шуури одамон вуҷуд дорад ва он маърифатпазир аст.

**МАТЕРИАЛИ́СТ,** [< *материализм*]. **1**. Пайрави *материализм*. **2**. *маҷ*. Одами фоидаҷӯ, манфиатпараст.

**МАТЕРИ́К,** [< рус. матёрый калон, ашаддӣ]. Ниг. *континент*.

**МАТЕ́РИЯ,** [< лот. materia нахустасос]. **1**. *фалс*. Воқеияти объективӣ, ки берун аз шуури инсон вуҷуд дошта, ҳисшаванда аст. **2**. Моддае, ки асоси ҷисми физикиро ташкил медиҳад. **3**. *гуфт*. Матоъ, газвор. **4**. *маҷ., гуфт*. Мавзуи суҳбат.

**МАТРА́С (МАТРА́Ц),** [ҳол. matras < лот. matta бурё]. Кӯрпаи таги рахти хоб; қисми мулоими болои кат. || Мқс. мат[1] (ба маънои 2).

**МАТРИАРХА́Т,** [< лот. mater (matris) модар + юн. arche ҳокимият]. *таър*. Модаршоҳӣ; зансолорӣ; давраи аввали ҷамъияти авлодии ибтидоӣ, ки дар он занон сардори оила ҳисоб меёфтанд ва дар ҳаёти оилавӣ ва ҷамъиятӣ нақши асосӣ мебозиданд; дар давраи М. шаҷара аз решаҳои модарӣ ҳисоб карда мешуд ва мерос пеш аз ҳама ба авлоди модарӣ мерасид; баъдтар ҷои М.-ро *патриархат* гирифт; *гинекократия* низ гӯянд.

**МА́ТРИКС,** [лот. matrix нахустасос, манбаъ < mater модар]. *физиол*. Моддаи ниммоеи иборат аз зарраҳои хурд, ки мағзи ҳуҷайраҳо ва ковокиҳои байни онҳоро пур мекунад.

**МАТРИ́КУЛ, МАТРИ́КУЛА,** [лот. matrcula рӯихат]. *кӯҳна*. **1**. Рӯихати расмии ашхоси муайян (мас., донишҷӯёни донишгоҳ), инчунин рӯихати даромад, хароҷот ва ғ. **2**. Дафтарчаи санҷиши донишҷӯ.

**МА́ТРИТСА (МА́ТРИЦА),** [< лот. matrix нахустасос]. **1**. *мат*. Ҷадвали росткунҷа, ки дар он ададҳо ё ифодаҳои математикӣ дар шакли сатрҳо ва сутунҳо ҷобаҷо карда шудаанд; агар шумораи сатрҳо ва сутунҳо дар ҷадвал баробар бошанд, чунин ҷадвалро М.-и мураббаъ (*квадрат*) меноманд. **2**. Дар матбаа – қолаби рехтагарӣ, ки ҳангоми рехтани ҳарфҳои матбаавӣ истифода мешавад, инчунин лавҳаи ҳарфҳои чидашуда. **3**. *тех*. Қолаб; қисми асосии *штамп* (дастгоҳи сикказанӣ ё қолабрезӣ), ки чуқурӣ ё сӯрохиаш бо шакли ашёи тайёркардашаванда мувофиқат мекунад.

**МАТРО́НА,** [< лот. mater модар]. Дар Рими Қадим – зани шавҳардори босавлат ва соҳибэҳтиром; бону; модари хонадон.

**МАТРО́С,** [ҳол. matroos]. **1**. Рутбаи хурдтарини ҳарбӣ дар қувваҳои ҳарбии баҳрӣ, ки бо рутбаи аскари қатории намудҳои дигари қувваҳои ҳарбӣ мувофиқат мекунад. **2**. Маллоҳ; хизматчӣ дар ҳайати дастаи киштии тиҷоратӣ ё мусофиркаш.

**МАТРО́СКА,** [рус. < ҳол. matroos]. **1**. Куртаи расмии *матрос*, ки гиребони васеи чоркунҷаи рах-рах дорад. **2**. Зани матрос.

**МАТСА́ (МАЦА́),** [яҳ. қад.]. Нони тунуки бенамак, ки яҳудиёни диндор дар Писҳо истеъмол мекунанд.

**МАТСЕРА́ТСИЯ (МАЦЕРА́ЦИЯ),** [< лот. maceratio нарм кардан]. *биол.* Мулоим шудан ё ба ҳуҷайраҳои алоҳида ҷудо шудани бофтаҳ

**МАТУА́Р,** [фр. matoir]. Исканаи ҳаккокӣ.

**МАТЧ,** [англ. match]. *варз.* **1**. Мусобиқа ё бозии варзишии байни ду даста ё ду бозигар, мас., М.-и футбол. **2**. Мусобиқаи варзишие, ки иштирокчиёни он бо якдигар якчанд маротиба қувваозмоӣ мекунанд, мас. М.-и шоҳмот. || Мқс. турнир, чемпионат.

**МАТЧБО́Л,** [англ. match-ball]. *варз.* Дар *теннис* ва баъзе бозиҳои варзишии диг. – холе, ки дар даври хотимавии (*финали*) мусобиқа тақдири бозиро ҳал мекунад.

**МАТЧПО́ЙНТ,** [англ. match-point < match мусобиқа + point хол]. *варз.* Ниг. матчбол.

**МАТЧ-РЕВА́НШ,** [< *матч* + *реванш*]. *варз.* Мусобиқае, ки дар он яке аз тарафҳо мехоҳад барои бозии дар давраи пештара бохтааш қасос гирад.

**МАТЧ-ТУРНИ́Р,** [< *матч* + *турнир*]. *варз.* Ниг. *матч* (маънои 2).

**МА́УЗЕР,** [ол. Mauser – аз номи ихтироъкорони олмонӣ бародарон Вилгелм ва Паул Маузерҳо]. Навъи аслиҳаи оташфишони яктира ё бисёртира (автоматӣ): милтиқ, таппонча ва м. инҳо. || Мқс. браунинг, валтер.

**МА́УНТБАЙК,** [< англ. to mount ба кӯҳ баромадан + bike велосипед]. *варз.* Мусобиқаи велосипедронӣ дар роҳҳои ноҳамвори кӯҳӣ.

**МАФИО́ЗИ, МАФИО́ЗО,** [ит. mafioso]. Дар аввал – узви *мафияи* Ситсилия, баъдтар – узви ҳама гуна ташкилоти ҷинояткор. || Мқс. бандит, гангстер.

**МА́ФИЯ,** [ит. mafia]. **1**. Ҷамъияти махфии ҷинояткоре, ки оғози асри 19 дар Ситсилия (Италия) ташкил ёфта буд; дар асри 20 бизнеси ҷиноятиро (харидуфурӯши маводи мухаддир ва аслиҳа, қиморхонаю фоҳишахонаҳоро) ба даст даровард ва бо роҳи зӯрӣ, таҳдид, фишор, куштор, ришва ба доираҳои сиёсии Италия роҳ ёфт. || Мқс. бандит, гангстер. || Мқс. Коза ностра. **2**. Ҳама гуна гурӯҳ ё ташкилоти ҷинояткоре, ки сохтори муайян ва низоми сахти роҳбарӣ ва мутеият дорад. **3**. *маҷ.* Гурӯҳи одамони бонуфуз; умуман, гурӯҳ.

**МАХАЙРО́Д,** [< юн. machaira ханҷар, шамшер + odus дандон]. *пал.* Паланги ханҷардандон; ҳайвони дарандаи давраи *неоген* аз оилаи гурбаҳо; аз палангҳои муосир калонтар буда, дандонҳои калону тези ханҷаршакл дошт ва номаш аз ҳамин ҷост.

**МАХАО́Н,** [юн. Machaon – номи табиб ва табиатшиноси Рими Қадим]. *зоол.* Шапалаки калони зард аз оилаи бодбонакҳо, ки холҳои сиёҳ дорад.

**МАХИ́ЗМ,** [аз номи файласуфи австриягӣ Э. Мах]. Ниг. *эмпириокрититсизм.*

**МАХИ́НА,** [< лот. machina иншоот]. **1**. Ниг. *мошин*. **2**. Ҳар чизи калон, азим.

**МАХИНА́ТСИЯ (МАХИНА́ЦИЯ),** [< лот. machination макр]. Ҳила, найранг, макр, дасиса, фиреб, қаллобӣ.

**МАХОВИ́К,** [рус.]. *тех*. Гардона; сарчарх; чархи калони вазнин барои танзими ҳаракати мошин ё механизм.

**МАХО́РКА,** [рус.]. Тамокуи навъи паст, инчунин гиёҳе, ки аз баргу навдаҳои он чунин тамокуро тайёр мекунанд.

**МАҲАРА́ҶА, МЕҲРОҶА́,** [санск. < меҳ (бузург) + *роҷа*]. Ниг. *магараҷа*.

**МАҲАРА́НИ,** [санск.]. Зани маҳараҷа.

**МАҲА́ТМА,** [санск.]. **1**. Дар дини ҳиндуия – яке аз номҳои рӯҳи олам, «зоти муқаддас». **2**. Дар Ҳиндустони имрӯза – унвоне, ки ба номи одамони муътабар ва олимақом, ходимони машҳури сиёсӣ ва ҷамъиятӣ илова карда мешавад, мас., Маҳатма Ганди.

**МАҲАЯ́НА,** [санск.]. Яке аз мазҳабҳои дини буддоӣ; пайравони М. тасдиқ менамуданд, ки на фақат роҳибон, балки одамони одӣ низ метавонанд ба *нирвана* расанд

**МАЧЕ́ТЕ,** [исп. machete]. Корди дароз барои буридани найшакар.

**МАЧЕТЕ́РО,** [исп. machetero]. Найшакардарав; даравгари найшакар.

**МАШИ́АХ,** [яҳ. қад. соҳиби тахту тоҷ]. Дар дини яҳудия – наҷотбахше, ки нузули онро яҳудиёни диндор интизоранд; М. маъбади Байтулмуқаддасро бино карда, яҳудиёни парешоншударо дар Замини Орзӯҳо (Ҳанаан) ҷамъ меоварад, бинобар ин баъзе яҳудиёни *ортодоксалӣ* Исроилро, ки на М., балки одамон бунёд кардаанд, эътироф намекунанд.

**МАШИКУЛИ́,** [фр. machicoulis]. Тиркашҳои овезон дар девори иморатҳо, қалъаҳо.

**МАШИ́НА,** [< лот. machina иншоот]. Ниг. *мошин*.

**МАЭСТА́,** [ит. maesta]. Иконае, ки дар он модархудо бо кӯдаке дар байни малоик тасвир ёфтааст.

**МАЭСТО́ЗО,** [ит. maestoso]. *мус*. Оҳанги мутантан. || Мқс. адажио.

**МАЭ́СТРО,** [ит. maestro]. Устод; унвони фахрии оҳангсозон, навозандагон, дирижёрҳо, шоирон, рассомон, шоҳмотбозони номӣ.

**МАЮ́СКУЛА,** [< лот. majuscula калонтар]. Ҳарфи калон, асосан дар хати қадимии лотинӣ ва юнонӣ; баръакси *минускула*.

**МАЯ́К,** [рус.]. Мино; манораи баланди дорои чароғ ё диг. воситаҳои огоҳкунанда барои ба киштиҳо нишон додани роҳи бехатар.

**МЕА́НДР,** [юн. meandr]. **1**. Хамгашти дарё. **2**. *меъм*. Нақши геометрӣ дар шакли хатҳои печон.

**МЕ́БЕЛ (МЕ́БЕЛЬ),** [фр. meuble < лот. mobile манқул]. Ҷиҳози хона, аз қабили миз, курсӣ, ҷевон, *диван* ва ғ.

**МЕГА...,** [< юн. megas калон]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маъноҳои: 1) миллион маротиба зиёдтар аз воҳиди асосӣ (бо М ишора карда мешавад), мас., 1 МВт = $10^6$ Вт. 2) азим, хеле калон, бузург, мас., *мегаполис*.

**МЕГАБА́ЙТ,** [< *мега...* + *байт*]. *инф*. Воҳиди ченаки ҳаҷми иттилооти компютер, ки ба 1024 *килобайт* баробар аст. || Мқс. байт, гигабайт.

**МЕГАКО́ЛОН,** [< *мега...* + kolon рӯдаи ғафс]. *тиб*. Варамида васеъ шудани рӯдаи ғафс ва пажмурда шудани луобпардаи он; аломати асосиаш – қабзият.

**МЕГАЛИ́Т,** [< *мега...* + lithos санг]. Иншооти қадимие, ки аз сангҳои калони нотарошида ё нимтарош сохта шудааст; бештар чун мақбара, сағона ё маъбад истифода мешуд. || Мқс. долмен.

**МЕГАЛО...,** [< юн. megas калон]. Ниг. *мега...* (ба маънои 2).

**МЕГАЛОЗА́ВР,** [< *мегало...* + *завр*]. *пал*. Динозаври калони даранда аз гурӯҳи *карнозаврҳо*. || Мқс. анкилозавр, бронтозавр, зауропод.

**МЕГАЛОМА́НИЯ,** [< *мегало...* + *мания*]. Васвасаи бузургӣ; манманӣ, худситоӣ; бузургтарошии худ.

**МЕГАЛОПЛАНКТО́Н,** [< *мегало...* + *планктон*]. *зоол., бот*. Калонтарин растанию ҷонварони зериобӣ (*планктон*).

**МЕГАЛО́ПОЛИС,** [< *мегало...* + polis шаҳр]. Ниг. *мегаполис*.

**МЕГАМО́ЛЛ**, [англ. megamoll]. Ниг. *молл*.

**МЕГА́НТРОП,** [< *мега...* + юн. anthropos одам]. *пал*. Маймуни калони одамшакл, ки дар замонҳои қадим зиндагӣ кардааст; устухонҳои М.-ро дар ҷаз. Ява (Африқои Шарқӣ) пайдо кардаанд.

**МЕГАПАРСЕ́К,** [< *мега...* + *парсек*]. Миллион *парсек* (воҳиди ченаки масофаи кайҳонӣ).

**МЕГАПИ́Р,** [< *мега...* + юн. pyr оташ]. Хӯлаи оҳан, хром ва алюминий, ки ба гармӣ басо тобовар мебошад.

**МЕГАПО́ЛИС,** [< *мега...* + *полис*]. Шаҳри калон; шаҳре, ки миқёсаш дар натиҷаи муттаҳид намудани якчанд шаҳрчаи ҳамсоя калон шудааст; *мегалополис* низ гӯянд.

**МЕГАРЕЛЙЕ́Ф (МЕГАРЕЛЬЕ́Ф),** [< *мега...* + *релйеф*]. *геогр*. Шаклҳои калонтарини релйеф: чуқуриҳои уқёнус, баландиҳои метерикӣ.

**МЕГАРО́Н,** [юн. megaron]. Хонаи истиқоматии юнониёни қадим – толори чоркунҷае, ки дар байнаш оташдон, дар қисми пешаш бошад, долони сақфдори паҳлӯҳояш кушода дошт.

**МЕГАСКО́П,** [< *мега…* + *…скоп*]. Асбоби оптикии заргарон барои дидани сангҳои қиматбаҳои хурд. || Мқс. микроскоп.

**МЕГАСПОРА́НГИЙ,** [< *мега…* + *спорангий*]. Ниг. *макроспорангий.*

**МЕГАСПО́РАҲО,** [< *мега…* + *спора*]. Ниг. *макроспораҳо.*

**МЕГАСПОРОФИ́ЛЛ,** [< *мега…* + *спорофилл*]. Ниг. *макроспорофилл.*

**МЕГАТО́ННА,** [< *мега…* + *тонна*]. Як миллион тонна.

**МЕГАФО́Н,** [< *мега…* + *…фон*]. Баландгӯяк; карнайи конусшакл барои баланд кардани овоз; аз *микрофон*, қувватфизо ва *динамик* иборат аст. || Мқс. рупор.

**МЕГЕ́РА,** [юн. Megaira]. **1**. Дар асотири Юнони Қадим – олиҳаи интиқом; дар шакли кампири бадафт (дар сараш ба ҷои мӯй – морҳо) тасвир карда мешуд. **2**. *маҷ.* Зани бадҷаҳл, ҷангара, шаттоҳ.

**МЕГОММЕ́ТР,** [< *мега…* + *ом* + *…метр*]. Асбоб барои чен кардани муқовимати сахти (калони) электрӣ. || Мқс. омметр.

**МЕДА́Л (МЕДА́ЛЬ),** [фр. medaille < ит. medalia]. Нишони металлии сарисинагии дорои расму хати гуногун, ки чун мукофот барои хизматҳои хуб, таҳсили аъло, ғалаба дар мусобиқаҳои варзишӣ ё ба муносибати ягон ҷашн дода мешавад. || Мқс. орден.

**МЕДАЛЙЕ́Р (МЕДАЛЬЕ́Р),** [фр. medailleur]. Медалсоз; рассоме, ки барои сикказании *медалу* танга қолаб тайёр мекунад.

**МЕДАЛЙО́Н (МЕДАЛЬО́Н),** [фр. medaillon]. Навъи зевар, қуттичаи мудаввари металлӣ, ки дар дарунаш сурат гузошта, ба гардан меовезанд.

**МЕДЕ́Я,** [юн. Medeia]. **1**. Дар асотири Юнони Қадим – зани сеҳргар, духтари подшоҳи Колхида, ки аз шавҳараш Ясон барои бевафоияш сахт қасос гирифтааст. **2**. *маҷ.* Зани бадрашку интиқомҷӯ.

**МЕ́ДИА**, [англ. media]. Воситаҳои ахбори омма (ВАО), инчунин технологияҳои иртибот ва иттилоот.

**МЕДИА-…,** [англ. media]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки объекту мафҳумҳои ба воситаҳои ахбори омма дахлдоштаро ифода мекунад, мас., *медиа-холдинг, медиа-арт.*

**МЕ́ДИА-АРТ,** [англ. media art]. Равияе дар санъати муосир, ки чунин технологияҳои иртиботии замонавиро, ба монанди интернет, алоқаи телефонӣ, пейҷинг ва ғ. ба сифати фазои эҷодӣ истифода мебарад.

**МЕДИАБА́ИНГ**, [англ. media buying]. Ниг. *баинг*.

**МЕДИАВИ́РУС**, [англ. media art]. Маҳсулоти ВАО (хабар, реклама, видеофилм ва ғ.), ки ба таври мустақим ё ғайримустақим ба ҳаёти ҷомеа таъсир мерасонад.

**МЕДИАЛӢ́,** [лот. medialis]. *анат.* Мобайнӣ; миёнагӣ; дар миёнаи бадан ҷойгиршуда; баръакси *латералӣ.*

**МЕДИА́НА,** [< лот. mediana мобайнӣ]. **1**. *геом.* Хати росте, ки қуллаи секунҷаро бо миёнаи хати муқобили ҳамин кунҷ пайваст мекунад. **2**. *мат.* Дар омори математикӣ – қимати миёна ё марказӣ. **3**. Дар назарияи эҳтимолият – яке аз хусусиятҳои тақсимоти қиматҳои бузургии тасодуфӣ.

**МЕДИАНӢ́,** [< лот. mediana мобайнӣ]. Ниг. *медиалӣ.*

**МЕДИА́НТА,** [< лот. mediantis дар мобайн ҷойгиршуда]. *мус*. Зинаи сеюм ё чоруми (баланд ва пасти) *мажор* ё *минор*.

**МЕДИАПЛА́Н**, [англ. media plan]. Тарзу усулҳои ҷой додани реклама дар воситаҳои ахбори омма.

**МЕДИАСТИНИ́Т,** [< лот. mediastinum миёнадевор]. *тиб.* Варами миёнадевор (пардаи ковокии қафаси сина).

**МЕДИАСТИНОГРАФИ́Я,** [лот. mediastinographia]. *тиб.* Муоина ва тадқиқи рентгении миёнадевор (пардаи ковокии қафаси сина).

**МЕДИАСТИНОСКО́П,** [< лот. mediastinum миёнадевор + …*скоп*]. *тиб*. Найчаи оптикӣ ва рӯшноидиҳанда барои муоинаи ковокии қафаси сина ва гирифтани як миқдор бофтаи дар натиҷаи беморӣ тағйирёфта бо мақсади тадқиқи микроскопии он (*биопсия*).

**МЕДИАСТИ́НУМ,** [лот. mediastinum]. *анат.* Мийнадевор; қисми миёнаи ковокии қафаси сина дар байни шушҳои рост ва чап.

**МЕДИАТЕ́КА**, [фр. mediatheque]. Муассисае, ки асарҳо ва мақолаҳои дар матбуот нашршуда, инчунин сабтҳои овозӣ ва видеоиро барои истифодаи оммавӣ ҷамъ ва нигоҳдорӣ мекунад. || Мқс. видеотека, филмотека.

**МЕДИА́ТОР [1],** [< лот. mediator миёнарав, миёнҷӣ]. **1**. Шахс, ташкилот ё давлате, ки дар баҳсу муноқишаҳои байналхалқӣ ба сифати миёнарав иштирок мекунад. **2**. *физиол.* Моддаи фаъоли биологӣ, ки ангезишро аз анҷомаҳои асаб ба узвҳои корӣ (мас., мушакҳо, ғадудҳо ва м. инҳо), инчунин аз як ҳуҷайраи асаб ба ҳуҷайраи диг. интиқол медиҳад; *трансмиттер* низ гӯянд.

**МЕДИА́ТОР [2],** [< лот. mediator миёнарав]. Мизроб; нохунак; олати майдаи тунук ва нӯгтез, ки бо он асбоби мусиқии торӣ (мас., рубоб, танбӯр ва ғ.) менавозанд.

**МЕДИА́ТСИЯ (МЕДИА́ЦИЯ),** [< лот. mediatio миёнаравӣ]. Миёнаравии давлат, ташкилот ё шахс дар муноқишаи байни давлатҳои дигар.

**МЕ́ДИА-ХО́ЛДИНГ,** [< *медиа* + holding нигоҳ доштан]. Ширкате, ки якчанд воситаи ахбори оммаро муттаҳид намуда, ба фаъолияти онҳо роҳбарӣ ва назорат мекунад.

**МЕДИЕВИ́СТИКА,** [< лот. medius миёна + aevum аср]. Шохаи илми таърих, ки таърихи асрҳои миёнаро (яъне, асри 5 – 17-ро) меомӯзад.

**МЕ́ДИК,** [лот. medica табиб, пизишк]. Номи умумии ҳар калом корманди соҳаи тандурустӣ.

**МЕДИКАМЕ́НТ,** [лот. medicamentum]. *тиб.* Дору.

**МЕДИТА́ТСИЯ (МЕДИТА́ЦИЯ),** [лот. meditatio фикрронӣ, андешаронӣ]. Тамаркузи фикр; талқин; фикрронии ба як нуқта равонашуда, ки ҳангоми он шахси медитатсиякунанда худро дар шаклҳои гуногун (гули зебо, паранда, доғҳои сафеди осмонӣ ва ғ.) тасаввур мекунад; буддоиҳо М.-ро воситаи расидан ба *нирвана* медонанд, *йогҳо* бо ёрии М. равандҳои ҳаётии организмро суст мекунанд ё бозмедоранд.

**МЕ́ДИУМ[1],** [лот. medium миёна]. Мувофиқи тасаввуроти хурофии *спиритҳо* – шахсе, ки байни одамон ва «рӯҳҳо» миёнаравӣ мекунад.

**МЕ́ДИУМ[2],** [лот. medium миёна]. **1**. *мус.* Лаҳни васат; *регистри* миёнаи овози занона. **2**. *збш.* Сиғаи миёнаи феъл дар баъзе забонҳо.

**МЕДИТСИ́НА (МЕДИЦИ́НА),** [лот. medicina < medeor табобат мекунам]. Тиб; маҷмуи донишҳои илмию амалӣ оид ба бемориҳо ва табобату пешгирии онҳо.

**МЕДУ́ЗА,** [лот. Medusa]. **1**. Дар асотири Юнони Қадим – девзани мормӯй, ки аз нигоҳаш одамон ба санг табдил меёфтанд. **2**. *зоол.* Ҷонвари нармбадани баҳрӣ аз оилаи рӯдаковокҳо, ки шаклаш ба зангӯла ё чатр монанд аст.

**МЕЗАЛЯ́НС (МЕЗАЛЬЯ́НС),** [фр. mesalliance]. Никоҳи нобаробар; никоҳ бо шахси мақом ё табақаи иҷтимоияш пасттар.

**МЕЗЕНТЕ́РИЙ,** [< лот. mesos миёна + enteron рӯда]. *физиол.* Чинпардаи даруни шикам, ки рӯдаҳо ва диг. узвҳои даруни шикамро дошта меистад (ба девори шикам пайваст мекунад).

**МЕЗЕНХИ́МА,** [лот. mesenchyma]. *физиол.* Бофтаи пайвандкунандаи ҷанин, ки аз он бофтаҳои пайвандкунандаи пӯк, ҳуҷайраҳои хун, *эндотелияи* рагҳо, устухонҳо, тағоякҳо, мушакҳо ва ғ. ташаккул меёбанд. || Мқс. мезодерма.

**МЕЗ(О)**…, [< юн. mesos миёна, мобайнӣ, васат]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки муътадилӣ, бузургии миёна, ҳолати миёна ё мавқеи миёнаро ифода мекунад, мас. *мезолит*.

**МЕЗОА́ТОМ,** [< *мезо…* + *атом*]. *физ.* Атоме, ки ҷои яке аз электронҳои онро *мюони* манфӣ заряднокшуда гирифтааст. || Мқс. мезомолекула.

**МЕЗОГЛЕ́Я,** [< *мезо…* + юн. gloios часпак]. *зоол.* Қабати ғализу часпаки байни *эктодерма* ва *энтодермаи* рӯдаковокҳо.

**МЕЗОДЕ́РМА,** [< *мезо…* + юн. derma пӯст]. *физиол.* Баргаки миёнаи ҷанин; қабати мобайнии ҷанини ҳайвонот ва одам, ки дар байни *эктодерма* ва *энтодерма* ташаккул меёбад.

**МЕЗОЗА́ВР,** [< *мезо…* + *…завр*]. *пал.* Хазандаи белпои мехдандон аз гурӯҳи сусморшаклҳо, ки дар охири давраи *палеозой* зиндагӣ кардааст.

**МЕЗОЗО́Й,** [< *мезо…* + юн. zoe ҳаёт]. Давраи миёнаи таърихи геологии Замин (баъди *палеозой* ва пеш аз *кайнозой*); 160 - 170 млн сол давом кардааст.

**МЕЗОКЕФА́Л, МЕЗОЦЕФА́Л (МЕЗОТСЕФА́Л),** [< *мезо…* + юн. kefale сар]. Миёнасар; одаме, ки андозаи сараш миёна, муқаррарӣ, на калон ва на хурд бошад.

**МЕЗОКЕФА́ЛИЯ, МЕЗОЦЕФА́ЛИЯ (МЕЗОТСЕФА́ЛИЯ),** [< *мезо…* + юн. kefale сар]. Миёнасарӣ.

**МЕЗОКЛИ́МАТ,** [< *мезо…* + *климат*]. Иқлими маҳаллӣ; шароити иқлимии ин ё он ноҳияи маҳдуди сатҳи Замин.

**МЕЗОЛИ́Т,** [< *мезо…* + *…лит*]. *арх., геол.* Асри миёнаи санг; давраи гузариш аз асри қадими санг (*палеолит*) ба асри нави санг (*неолит*), яъне 12 – 6 ҳазор сол пеш; дар ҳамин давра олоти нӯгтези сангӣ (табар, дос, зоғнӯл), асбоби шикор (тиру камон, шасти моҳигирӣ) пайдо шуд, одамон сагро ром карданд.

**МЕЗОМОЛЕ́КУЛА,** [< *мезо…* + *молекула*]. *хим., физ.* Молекулае, ки дар он робитаи химиявиро на *электрон*, балки *мюони* манфӣ заряднокшуда ба вуҷуд меорад.

**МЕЗО́Н,** [< *мезо…* + *(электр)он*]. *физ.* Зарраи элементарии ноустувор ва худтаҷзияшаванда аз синфи *адронҳо*, ки массааш аз *лептон* зиёд ва аз *нуклон* кам аст.

**МЕЗОНИ́Н,** [< ит. mezzanino нимошёна]. Иморати иловагӣ (одатан пешайвондор) дар қисми мобайни хонаи истиқоматӣ.

**МЕЗОПА́УЗА,** [< *мезо…* + лот. pausa қатъ шудан, таваққуф]. Қабати байни *мезосфера* ва *термосфера* дар баландии тақр. 80 км.

**МЕЗОРЕЛЙЕ́Ф (МЕЗОРЕЛЬЕ́Ф),** [< *мезо…* + *релйеф*]. Релйефи миёна; релйефи байни релйефи калон (*макрорелйеф*) ва релйефи хурд (*микрорелйеф*), мас. водӣ, ҳавза.

**МЕЗОСФЕ́РА,** [< *мезо…* + *сфера*]. Қабати мобайнии *атмосфера*, ки болотар аз *стратосфера* дар баландии 50 – 85 км ҷойгир шудааст; дар М. ҳарорат вобаста ба афзоиши баландӣ аз 0˚С то –90˚С паст мешавад.

**МЕЗОТРО́ФҲО,** [< *мезо…* + юн. trophe ғизо]. *бот.* Растаниҳое, ки дар заминҳои ғизонокишон миёна мерӯянд.

**МЕЗОФИ́ЛЛ,** [< *мезо…* + юн. phyllon барг]. *бот.* Бофтаи асосии барги растаниҳо, ки дар байни ду қабати *эпидермис* ҷойгир шудааст; аз ҳуҷайраҳои зиндаи *хлорофиллдор* иборат аст.

**МЕЗОФИ́ТҲО,** [< *мезо…* + *…фит*]. *бот.* Растаниҳое, ки дар заминҳои намиашон муътадил, яъне обашон кофӣ, мерӯянд.

**МЕЗУ́ЗА,** [яҳ. қад.]. Дар дини яҳудия – тӯмор, тилисми балогардон, ки дар болои дари даромад овехта мешавад.

**МЕЙБОМӢ,** [ол. Meibom – аз номи анатоми олмонӣ Г. Мейбом]. *анат.* Ғ а д у д ҳ о и м е й б о м ӣ – ғадудҳои равған, ки дар пилкҳои чашми одам ва ҳайвоноти ширхӯр ҷойгир шудаанд.

**МЕ́ЙК-АП,** [англ. make-up]. Воситаҳои косметикӣ барои ороиш ва нигоҳубини пӯсти рӯй.

**...МЕ́ЙКЕР,** [< англ. to make сохтан, офаридан]. Қисми охири калимаҳои мураккаб ба маънои «созанда», «соз», мас., *клипмейкер* (клипсоз).

**МЕЙО́З,** [< юн. meiosis камшавӣ]. *биол.* Яке аз шаклҳои тақсимшавии ҳуҷайраҳои ҷинсӣ, ки ҳангоми он шумораи *хромосомҳо* ду маротиба кам мешавад. || Мқс. митоз.

**...МЕ́ЙСТЕР, МЕЙСТЕР...,** [< ол. Meister]. Қисми охири калимаҳои мураккаб ба маънои устод, муаллим, роҳбар, басаҳнагузоранда, мас. *балетмейстер, хормейстер*.

**МЕ́ЙҶОР (МЕ́ЙДЖОР),** [англ. major]. **1**. Ширкат, корхона, ташкилоте, ки дар ягон соҳа мақоми бонуфуз дорад. **2**. Дар баъзе намудҳои варзиш (мас., дар теннис, атлетикаи сабук, голф) – мусобиқаи сатҳи ҷаҳонӣ.

**МЕЛАНЖ [1],** [< фр. melange омехта]. *геол.* Маҷмуи ҷинсҳои омехтаи кӯҳӣ, ки дар натиҷаи ҷойивазкуниҳои уфуқии қишри замин ба вуҷуд омадаанд.

**МЕЛАНЖ [2],** [< фр. melange омехта]. *хим.* Омехтаи кислотаҳои азот ва сулфат.

**МЕЛАНЖ [3],** [< фр. melange омехта]. Нахҳои гуногунранги ресмон ё калоба, инчунин матое, ки аз ҳамин хел нахҳо бофта мешавад.

**МЕЛАНЖ [4],** [< фр. melange омехта]. Омехтаи яхкунондашудаи зардӣ ва сафедии тухм, ки дар қаннодӣ ва таббохӣ истифода мешавад.

**МЕЛА́НЖ-А́КТ,** [< фр. melange омехта + acte амал]. Дар сирк – баромаде, ки аз амалҳои моҳиронаи (*трюкҳои*) гуногун иборат аст.

**МЕЛАНИ́Н,** [< юн. melas (melanos) сиёҳ]. *биол.* Моддаи рангдеҳи (*пигменти*) сиёҳ ва қаҳваранг, ки дар пӯст, мӯй, қарнияи чашми одам ва ҳайвонот, инчунин дар пӯсти растанию меваҳо вуҷуд дорад.

**МЕЛАНО́З,** [< *меланин*]. *тиб.* Миқдори аз меъёр зиёди *меланин* дар организм; метавонад модарзодӣ бошад (мас., холҳои сиёҳи бадан), ё дар натиҷаи баъзе бемориҳо, заҳролудшавӣ ё дар офтоб сӯхтани бадан пайдо шавад.

**МЕЛАНО́МА,** [< *меланин* + *…ома*]. *тиб*. Омосе, ки аз ҳуҷайраҳои меланинзо (пигментзо) инкишоф меёбад. || Мқс. аденома, киста, саркома.

**МЕЛАНХО́ЛИК,** [юн. melancholikos]. Ниг. *молихулиёӣ*.

**МЕЛАНХО́ЛИЯ,** [юн. melancholia]. Ниг. *молихулиё*.

**МЕЛА́ССА, МЕЛЯ́ССА,** [фр. melasse]. Ширае, ки дар корхонаи қаннодӣ аз пасмондаҳои лаблабуи қанд ҳосил мешавад; бо хӯрокиҳои хушк омехта, ба чорво медиҳанд.

**МЕЛЕ́НА,** [< юн. melas (melanos) сиёҳ]. *тиб*. Наҷосати сиёҳи муммонанд, ки аломати хуншории ягон узви ҳозима мебошад.

**МЕЛИНИ́Т,** [< юн. melinos зард]. *хим*. Як навъ моддаи тарканда – кислотаи *пикрин*; *лиддит* ё *шимоза* низ гӯянд.

**МЕЛИОРА́ТСИЯ (МЕЛИОРА́ЦИЯ),** [< лот. melioratio беҳтарсозӣ]. Маҷмуи чорабиниҳо (обёрӣ, хушкондани ботлоху шибарҳо, мустаҳкам кардани регзор, дарахтшинонӣ ва ғ.) бо мақсади беҳтар намудани ҳолати замин ва ба кишт тайёр кардани он.

**МЕЛИ́ССА,** [< юн. melissa асал]. *бот*. Лимӯгиёҳ; наънои лимӯӣ; растании бисёрсола, ки равғани эфир дорад ва ин равған бӯи лимӯ мекунад; дар атторӣ ва таббохӣ ба кор мебаранд.

**МЕЛО…,** [< юн. melos суруд]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки бо суруд ва мусиқӣ робита доштанро ифода мекунад, мас., *меломания*.

**МЕЛОДЕКЛАМА́ТСИЯ (МЕЛОДЕКЛАМА́ЦИЯ),** [< *мело…* + *декламатсия*]. Хондани шеър ё асари насрӣ зери садои мусиқӣ.

**МЕЛО́ДИКА,** [< юн. melos суруд]. *мус*. **1**. Оҳангшиносӣ; илме, ки оҳанг, мақоми асари мусиқиро тадқиқ мекунад. **2**. Хусусиятҳои оҳангии асари мусиқӣ.

**МЕЛО́ДИЯ,** [< юн. melos суруд]. *мус*. **1**. Овозҳои хушоҳанге, ки паиҳам омада, мақоми муайянеро ташкил медиҳанд. **2**. Ба маънои васеъ – оҳанг, мақом, наво, савт.

**МЕЛОДРА́МА,** [< *мело…* + *драма*]. **1**. Дар аввал – *драмаи* мусиқӣ; драмаи дорои суруду мусиқии бисёр. **2**. Ҳоло – жанри драматургия; пйесае, ки дар он зиддиятҳои тезутунд, лаҳзаҳои фоҷиавӣ, найрангбозиҳо (*интригаҳо*), ҳиссиёти пуршӯр тасвир карда мешавад.

**МЕЛОМА́Н,** [< *меломания*]. Ошиқ (мухлис, ҳаводор)-и ашаддии суруду мусиқӣ.

**МЕЛОМА́НИЯ,** [< *мело…* + *…мания*]. Шавқу ҳаваси беандоза ба суруду мусиқӣ.

**МЕЛОПЕ́Я,** [< юн. melos суруд + poieo иҷро мекунам]. Ниг. *мелодика* (маънои 1).

**МЕ́ЛОС,** [< юн. melos суруд]. *мус*. Сарахбори мусиқӣ; дебоча.

**МЕЛОТИ́ПИ́Я,** [< юн. melos суруд + typos нақш]. Чопи матбаавии (*типографии*) *нотаҳо*.

**МЕЛПОМЕ́НА (МЕЛЬПОМЕ́НА),** [юн. Melpomene]. Дар асотири римиёни қадим – олиҳа, яке аз 9 духтари Зевс ва Мнемосина, ҳомии фоҷиа, рамзи санъати театрӣ.

**МЕЛХИО́Р (МЕЛЬХИО́Р),** [фр. melchior]. Биринҷии никелӣ; хӯлаи мис бо никел; металли сафеди нуқрафом, ки дар киштисозӣ, тайёр кардани танга, зарфҳо, асбобҳои таомхӯрӣ, тиббӣ ва ғ. истифода мешавад.

**МЕМБРА́НА,** [< лот. membrana парда]. **1**. Парда ё тунукаи чандире, ки лаппиш (ларзиш) ба вуҷуд меорад; дар асбобҳои мусиқӣ, инчунин дар телефон, *микрофон* ва ғ. чун манбаи овоз хизмат мекунад. **2**. *биол*. Пардаи ниҳоят тунуке, ки сатҳи ҳуҷайра, зарраҳои дихилиҳуҷайравӣ ва ҳубобчаҳои *протоплазмаро* мепӯшонад.

**МЕМОРА́НДУМ,** [лот. memorandum < memorare хотиррасон кардан]. **1**. Номаи дипломатӣ, ки дар он нуқтаи назари ҳукумат оид ба ягон масъала муфассал баён карда мешавад. **2**. *тиҷ*. Огоҳнома; мактуб барои хотиррасон кардани ягон чиз, мас., расидани муҳлати адои қарз. **3**. *мол*. Дар полиси суғурта номбар кардани хавфҳои суғуртанашаванда.

**МЕМОРИА́Л,** [< лот. memorialis хотиравӣ]. **1**. *куҳна*. Рӯзнома, дафтари хотира. **2**. *куҳна*. Дафтари муҳосибӣ барои сабти ҳаррӯзаи амалҳои хариду фурӯш. **3**. Мусобиқаи варзишӣ ба ёдбуди варзишгарони машҳур. **4**. Муҷассамаи ёдгорӣ; иншооти меъморӣ барои фаромӯш нашудани ягон воқеаи таърихӣ ё барои абадӣ гардондани хотираи касе.

**МЕМУА́Р,** [< лот. memoria хотира]. *адш*. Яке аз шаклҳои адабиёти ҳуҷҷатӣ – ёддошт, хотирот; саргузаштнома.

**МЕНГИ́РҲО,** [< брет. men санг + hir дароз]. *меъм*. Яке аз намудҳои иншооти мегалитӣ (ниг. *мегалит*) – сангҳои калону дарозрӯяи амудӣ ба замин гузошташуда (ё як қисмашон ба замин гӯрондашуда); қаторҳои мувозии (*паралелии*) чунин сангҳо то якчанд километр тӯл мекашанд; дар Аврупо, Осиё ва Африқо дучор мешаванд.

**МЕНДЕЛЕ́ВИЙ,** [лот. Mendelevium]. *хим*. *Актиноид*, элементи химиявии сунъии радиоактивии гурӯҳи III системаи даврӣ (Md).

**МЕНДЕЛИ́ЗМ,** [аз номи табиатшиноси австриягӣ Г. Мендел (Mendel), 1822 – 1884]. *биол*. Таълимот дар бораи қонунҳои ирсият, ки ба илми *генетика* асос гузоштааст; М. тасдиқ менамояд, ки омилҳои ирсӣ мунфасил (*дискретӣ*) буда, аз як насл ба насли дигар гузаштани онҳо бо қонуниятҳои устувор (то кадом дараҷа муттасил будани пайвастшавии *генҳо* дар байни худ) вобаста мебошад.

**МЕ́НЕҶЕР,** [англ. manager < to manage идора кардан]. **1**. Мутахассис оид ба идора кардани истеҳсолот, савдо, соҳаҳои хизматрасонӣ; мудир. **2**. *варз*. Дар варзиши касбӣ – ташкилкунандаи мусобиқаҳои варзишгарон. **3**. Дар *шоу-бизнес* – ташкилкунандаи базму консертҳо.

**МЕ́НЕҶМЕНТ,** [англ. management < to manage идора кардан]. Маҷмуи принсипҳо, усулҳо ва шаклу воситаҳои идораи истеҳсолот ва захираҳои моддию молиявӣ.

**МЕ́НЗУЛА,** [< лот. mensula мизча]. *геод*. Мизчаи саҳроӣ – асбоби геодезӣ, ки якҷоя бо *кипрегел* ҳангоми нақшакашии топографӣ истифода мешавад.

**МЕНЗУ́РА,** [< лот. mensura андоза, ченак]. *мус*. Андоза, ченак барои муайян кардани хусусиятҳои манбаи овоз дар асбобҳои мусиқӣ (мас, қутр, дарозӣ ва тарангии торҳо).

**МЕНЗУ́РКА,** [< лот. mensura андоза, ченак]. Зарфи шишагии дараҷадор барои аниқ чен кардани ҳаҷми моеъ. || Мқс. бюретка.

**МЕНИНГИ́Т,** [< юн. meninx пардаи мағзи сар]. *тиб*. Сарсом; газаки зардобноки пардаи мағзи сар ва ҳароммағз. || Мқс. арахноидит.

**МЕНИНГОКО́ККҲО,** [< юн. meninx пардаи мағзи сар + *кокқҳо*]. Бактерияҳои кулӯлашакле, ки боиси бемориҳои шадиди сироятӣ (сарсом, *назофарингит, сепсис* ва м. инҳо) мегарданд.

**МЕНИ́СК,** [< юн. meniskos моҳи ҳилол]. **1**. *физиол*. Сатҳи фурӯхамида ё барҷастаи моеъ дар найчаҳои борик. **2**. Шишаи оптикии (*линзаи*) як тарафаш фурӯхамида, тарафи дигараш барҷаста. **3**. *анат*. Тағояки ҳилолшакли буғуми зону.

**МЕННОНИ́ТҲО,** [< ҳол. Menno]. Пайравони яке аз мазҳабҳои *протестантизм*, ки итоат, фармонбардорӣ, даст кашидан аз зӯроварӣ, ба ивази бадӣ некӣ кардан, бовар ба нузули Исои Масеҳро тарғиб мекунанд; мазҳаби М. дар Амрикои Шимолӣ ва баъзе давлатҳои Аврупо паҳн шудааст.

**МЕНОПА́УЗА,** [< *менструатсия* + *пауза*]. *тиб*. Климакси занона (ниг. *климакс*); давраи анҷомёбии фаъолияти ғадудҳои ҷинсии зан, ки бо қатъи ҳайз зоҳир мегардад (одатан дар 45 – 54-солагӣ рӯй медиҳад).

**МЕНО́РА,** [яҳ. қад]. Шамъдони маросимӣ, ки одатан аз 7 – 9 шамъ иборат аст.

**МЕНОРРАГИ́Я, МЕНОРАГИ́Я,** [лот. menorrhagia]. *тиб*. Аз ҳад зиёд давом кардани муддати хунравӣ дар вақти ҳайз, ки аломати як қатор бемориҳои бачадон аст.

**МЕНС, МЕ́НТА,** [лот. Mens Хирад]. Дар асотири римиёни қадим – олиҳаи хирад, ки ба шарафи ӯ соли 217 пеш аз мелод маъбади бошукӯҳе бино карда шудааст.

**МЕНСТРУА́ТСИЯ (МЕНСТРУА́ЦИЯ),** [< лот. menstruus ҳармоҳа, моҳона]. *физиол*. Ҳайз; ҳар моҳ хориҷ шудани хун аз бачадони зани болиғ.

**МЕНТ,** [< *милитсионер*]. *жарг*. Корманди милитсия (*политсия*). || Мқс. коп, фараон.

**МЕНТАЛИТЕ́Т,** [< лот. mentalis ақлӣ, зеҳнӣ]. Тарзи тафаккур, шуурнокӣ, заковат, *психология* ва ҷаҳонбинии шахси алоҳида ё гурӯҳи иҷтимоӣ.

**МЕНТО́ВКА,** [< *мент*]. *жарг*. Шуъбаи милитсия (политсия).

**МЕНТО́Л,** [< лот. mentha пудина + oleum равған]. Ҷавҳари наъно; моддаи шаффофи кристалӣ, ки аз равғани пудина ҳосил карда мешавад; бӯи хуши тез дорад; дар дорусозӣ, атторӣ ва қаннодӣ ба кор меравад.

**МЕ́НТОР,** [< юн. Mentor – мураббии Телемак, писари Одиссей]. **1**. Мураббӣ, устод, роҳбар, роҳнамо. **2**. *мач*. Маслиҳатгар ва носеҳи шилқин.

**МЕНУЭ́Т,** [фр. menuet]. Рақси қадимии фаронсавӣ, ки дар асри 17 ба рақси балӣ табдил ёфт (ниг. бал).

**МЕНШЕВИ́ЗМ (МЕНЬШЕВИ́ЗМ),** [< рус. меньшинство ақалият]. *таър*. Ҷараёни майдабуржуазии оппортунистӣ, ки дар Анҷумани (съезди) 2.-юми РСДРП (с. 1903) дар натиҷаи ба болшевикон ва меншевикон ҷудо шудани вакилон ба вуҷуд омада буд.

**МЕНШЕВИ́К (МЕНЬШЕВИ́К),** [< *меншевизм*]. Пайрави *меншевизм*.

**МЕНЮ́,** [фр. menu]. **1**. Анвои таом дар ошхона, тарабхона ва ғ. **2**. Таомнома; рӯихати таомҳо. **3**. *инф*. Феҳристи реҷаҳои кори барномаҳо дар экрани дисплей.

**МЕОТИ́ДА,** [юн. қад.]. Номи юнонии баҳри Азов.

**МЕО́ТҲО,** [юн. қад.]. Қабилаҳои қадимие, ки дар ҳазорсолаи 1-уми то мелод дар соҳилҳои шарқии баҳри Азов зиндагӣ мекарданд.

**МЕ́РГЕЛ (МЕ́РГЕЛЬ),** [ол. Mergel]. *маъд., геол*. Ҷинси кӯҳии таҳшинӣ, ки аз хокаи *калсит* ва *доломит* иборат аст; дар истеҳсоли баъзе намудҳои семент истифода мешавад.

**МЕРЕ́НГА,** [фр. meringue]. Маснуоти қаннодӣ (*пирожни*), ки аз хамир, омехтаи латзадаи сафедии тухм, саршир ва шакар тайёр карда мешавад; фиринӣ.

**МЕРИДИА́Н,** [лот. meridianus]. *геогр*. Хати тӯл; хати нисфуннаҳор; хати тасаввурии географӣ, ки аз ҳарду қутб мегузарад.

**МЕРИНО́С,** [исп. merinos]. **1**. Зоти гӯсфанди сафеди маҳинпашм, ки бештар дар Австралия паҳн шудааст. **2**. Пашми чунин гӯсфанд.

**МЕРИСТЕ́МА,** [< юн. meristos тақсимшаванда]. *бот*. Бофтаи ҳуҷайразои растанӣ; бофтае, ки қобилияти тақсим ва офариниши ҳуҷайраҳои навро то охири умри растанӣ гум намекунад.

**МЕРИТОКРА́ТИЯ,** [< лот. meritus сазовор + …*кратия*]. Назария дар бораи он ки ба вазифаҳои роҳбарӣ танҳо одамони қобилиятнок ва сазовор таъйин карда шаванд, сарфи назар аз он, ки намояндаи кадом синф ё табақаи иҷтимоӣ мебошанд.

**МЕРКАНТИЛИ́ЗМ,** [< ит. mercante тоҷир, савдогар + пасв. -изм]. **1**. *иқт., таър*. Таълимоти иқтисодии давраи футури феодализм, ки мувофиқи он манбаи асосии фаровонӣ ва сарват на истеҳсолот, балки муомилоти сармоя ва тиҷорат, инчунин захираи калони пул, тилло ва нуқра мебошад. **2**. *мач*. Ҳарисӣ, манфиатпарастӣ, тамаъҷӯӣ.

**МЕРКУРИАЛИ́ЗМ,** [< лот. mercurius симоб + пасв. -изм]. *тиб.* Заҳролудшавӣ аз симоб ва пайвастҳои он.

**МЕРКУ́РИЙ,** [лот. Mercurius]. **1**. Дар асотири римиёни қадим – худои чорвопарварӣ, сухванпардозӣ ва тиҷорат, ҳомии мусофирон, қосиди худоҳо. **2**. *астр.* Уторид; Тир; Дабири фалак; Тири фалак; сайёраи ба Офтоб назиктарин ва дар байни сайёраҳои калон аз ҳама хурдтарини системаи офтобӣ. **3**. *маҷ.* Қосид, пайк, муждарасон. **4**. *куҳна.* Симоб.

**МЕРОЛО́ГИЯ,** [< юн. meros қисм, ҳисса + …*логия*]. Фасли *антропология*, ки дигаргуниҳои сохти узву бофтаҳои инсонро меомӯзад.

**МЕРСЕРИЗА́ТСИЯ (МЕРСЕРИЗА́ЦИЯ),** [< англ. Mercer]. Ниг. *мерсеронӣ.*

**МЕРСЕРОНӢ,** [< англ. Mercer – ихтироъкори англис Ҷ. Мерсер (1791 – 1866)]. Ба маҳлули обии ишқор тар кардани матоъҳои пахтагин бо мақсади бадошт, нарм ва ҷилонок шудани онҳо.

**МЕРСИ́, МЭРСИ́,** [фр. mersi]. Ташаккур; сипосгузорам.

**МЕ́РТЕЛ (МЕ́РТЕЛЬ),** [ол. Mortel]. Омехтаи регу оҳак, ки дар сохтмон истифода мешавад.

**МЕ́РУ,** [ҳинд. қад.]. Дар динҳои ҳиндуия ва буддоия – кӯҳи тиллоие, ки гӯё дар қафои Ҳимолой воқеъ шудааст ва маркази олам ба шумор меравад; дарёи Ганг аз осмон аввал ба ҳамин кӯҳ мерезад ва сипас ба водиҳо ҷорӣ мешавад.

**МЕРЧАНДА́ЙЗИНГ, МЕРЧЕНДА́ЙЗИНГ**, [англ. merchandising]. Дар соҳаи маркетинг - тарзу усулҳои тезондани савдои молҳои чакана, мас., ҷой кардани молҳо дар толори фурӯшгоҳ, оро додани рафҳо ва пештахтаҳо, плакатҳои рекламавӣ, лавҳаҳои мунир ва ғ.

**МЕСЙЕ́, МСЙЕ (МЕСЬЕ́, МСЬЕ),** [< фр. monsieur ҷаноб]. Муроҷиати боэҳтиромона ба мард дар Фаронса ва мамлакатҳои франсавизабон. || Мқс. милорд, мистер, сэр.

**МЕ́ССА,** [фр. messe < лот. missa]. **1**. Намози бомдодӣ ва нисфирӯзии католикҳо. || Мқс. литургия. **2**. *мус.* Асари бисёровозаи мусиқӣ, ки мазмуни динӣ дошта, одатан дар вақти ибодат бо ҳамовозии *орган* ё *оркестр* иҷро карда мешавад.

**МЕССАЛИ́НА,** [лот. Messalina]. **1**. Зани сеюми императори Рим Клавдий, ки бо ҷоҳталабӣ, фосиқӣ, сабукпоӣ ва маккории худ шуҳрат дошт; бо фармони шавҳараш кушта шуд. **2**. *маҷ.* Зани маккора, фосиқа, сабукпо.

**МЕ́ССЕНҶЕР (МЕ́ССЕНДЖЕР),** [< англ messenger чопар, номабар, қосид]. *инф.* Системаи барномавӣ барои мубодилаи таъҷилии ахбор; аз равзаначаи хурде иборат аст, ки дар поёни экрани компютер ё телефон ҷойгир шудааст ва ҳар дафъа, вақте ки ин ё он *абонент* ба хати алоқа баромад, М. дар ин хусус фавран хабар медиҳад; аз рӯи усули кори худ ба *пейҷери* одӣ монанд, вале аз он мукаммалтар аст; М.-ро барои ташкили *чатҳои* матнии гурӯҳӣ ё видеоконференсияҳо истифода бурдан мумкин аст.

**МЕССИАНИ́ЗМ,** [< *мессия* + пасв. -изм]. Ақидани динӣ дар бораи нузули мессия (ниг. *мессия*).

**МЕССИ́Я,** [яҳ. қад.]. Дар динҳои яҳудӣ ва насронӣ – наҷотдиҳандае, ки гӯё барои барпо намудани салатанати илоҳӣ ва барқарор кардани некию адолат аз осмон нозил мешудааст.

**МЕСТКО́М,** [< рус. кӯтоҳшудаи местный комитет]. Кумитаи маҳаллии иттифоқи касаба.

**МЕ́ТА,** [ит. meta нисф]. Шакли муомилаи тиҷоратӣ, ки мувофиқи он тарафҳо фоида ва зарарро дар байни худ баробар тақсим мекунанд.

**МЕТА...,** [юн. meta баъди, пас аз, дар байни]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки маъноҳои зеринро ифода мекунад: 1) баъди чизе омадан, ба чизи дигаре гузаштан; табдилёбӣ, мас., *метагенез*. 2) дар илми мантиқ – мансуб ба системаҳое, ки барои тавсифи системаҳои дигар хизмат мекунад, мас., *метаназария*.

**МЕТАБА́ЗИС,** [< юн. metabasis гузариш]. Тарзи софистии (ниг. *софизм*) баҳс, ки ҳангоми он баҳскунанда аз мавзуи асосии баҳс дур шуда, ба мавзуи дигар мегузарад.

**МЕТАБИО́З,** [< *мета...* + bios ҳаёт]. Чунин раванди ҳаётии ҷонварони хурд (*микроорганизмҳо*), ки ҳангоми он пасафкандаҳо ва пасмондаҳои як намуд чун манбаи ғизои намуди дигар хизмат мекунанд.

**МЕТАБОЛИ́ЗМ,** [< юн. metabole дигаршавӣ]. *биол.* Мубодилаи моддаҳо; маҷмуи равандҳои *анаболизм* ва *катаболизм* дар организми растанӣ, ҳайвонот ва микроорганизмҳо.

**МЕТАБОЛИ́ТҲО,** [< юн. metabole дигаршавӣ]. *биол.* Моддаҳои гуногуне, ки дар ҳуҷайра, бофта ва узвҳои набототи ва ҳайвонот дар натиҷаи мубодилаи моддаҳо (*метаболизм*) пайдо мешаванд.

**МЕТАГАЛА́КТИКА,** [< *мета...* + *галактика*]. *астр.* Қисми то имрӯз маълум ва барои усулҳои муосири тадқиқи астрономӣ дастраси Коинот, ки аз миллиардҳо *галактика* иборат аст.

**МЕТАГЕНЕ́З,** [< *мета...* + genesis пайдоиш]. **1**. *биол.* Яке аз шаклҳои бадалшавии насл дар ҳайвоноти содатарин, мас., рӯдаковокҳо, ки ҳангоми он насли фардҳое, ки бо роҳи ҷинсӣ афзоиш меёбанд, бо насли фардҳое ҷой иваз мекунанд, ки бо роҳи ғайриҷинсӣ афзоиш меёбанд. || Мкс. гетерогония. **2**. *геол.* Равандҳои тағйирёбии ҷинсҳои кӯҳии таҳшин дар мавриди ба қабатҳои ҷуқуртари *литосфера* фуромадани онҳо дар шароити баландшавии фишор ва ҳарорат.

**МЕТАДО́Н**, [англ. methadone]. Маводи мухаддири синтетикӣ аз гурӯҳи афюнҳо.

**МЕТАЗО́А,** [< *мета...* + zoa ҳайвонот]. *биол.* Номи умумии ҳамаи ҳайвоноти бисёрҳуҷра; баръакси *протозоа*.

**МЕТАКРИЛА́ТҲО,** [< *мета…* + *акрилатҳо*]. *хим. Эфирҳои* мураккаби *кислотаи метакрилӣ* ва намакҳои он.

**МЕТАКРИЛӢ,** [< *метакрилатҳо*]. *хим. Кислотаи* метакрилӣ – кислотае, ки молекулааш аз 4 атоми карбон иборат аст; беранг, бӯи тунд дорад; ба таври сунъӣ истеҳсол карда мешавад.

**МЕТА́ЛЛ[1],** [лот. metallum < юн. metallon кон]. Филиз; моддаи аз ҷиҳати химиявӣ сода, ки хосияти ҷилодиҳӣ ва кӯбишпазирӣ дошта, гузаронандаи ҳарорат ва ҷараёни барқ аст; М.-ҳои сиёҳ: оҳан, чӯян, пӯлод; М.-ҳои ранга: ҳамаи М.-ҳои боқимонда.

**МЕТА́ЛЛ[2],** [англ. metal]. Навъи мусиқӣ, ки ба он суръати тез, садои баланд ва оҳангҳои дурушт хос мебошад.

**МЕТАЛЛИ́ДҲО,** [< *металл* + eidos намуд]. Пайвастҳои металлӣ (филизӣ).

**МЕТАЛЛИЗА́ТСИЯ (МЕТАЛЛИЗА́ЦИЯ),** [< *металл*]. Филизандудӣ; металландудӣ; бо металл (филиз) ё хӯла рӯйкаш намудани чизе.

**МЕТА́ЛЛИК**, [англ. metallic]. Ранги филизӣ; ранге, ки чун металл (ниг. *металл*[1]) ҷило медиҳад

**МЕТАЛЛИ́СТ,** [< *металл*]. **1**. Коргари саноати металлгудозӣ. **2**. Металлшинос; филизшинос. **3**. Намоянда ё мухлиси равия дар рок-мусиқии муосир, ки ба он оҳангҳои баландсадо, баландсуръат ва шӯрангез хос аст.

**МЕТАЛЛОГЕ́НИ́Я,** [< *металл* + юн. genos тавлид]. *геол.* Таълимот дар бораи сарватҳои зеризаминӣ, қонуниятҳои пайдоиш ва ҷойгиршавии конҳо дар қишри замин.

**МЕТАЛЛОГРА́ФИЯ,** [< *металл* + *…графия*]. **1**. Фасли металлшиносӣ – илм дар бораи сохт ва хосиятҳои физикии маталлҳо ва хӯлаҳо. **2**. Дар матбаа – чоп ба воситаи қолабҳои ҳаккокишудаи металлӣ.

**МЕТАЛЛО́ИДҲО,** [< *металл* + eidos намуд]. Номи пештараи элементҳои химиявии ғайриметаллӣ; ҳоло истилоҳи «нометаллҳо» («нофилизҳо»)-ро истифода мебаранд.

**МЕТА́ЛЛОКЕРА́МИКА,** [< *металл* + *керамика*]. Усули ҳосил кардани хӯлаҳои сахт аз хокаи металлҳо ва иловаҳои нометаллӣ бо роҳи фишурдан ва пухтан дар ҳарорати баланд, инчунин худи ҳамин хӯлаҳо ва маснуоти аз онҳо сохташуда.

**МЕТА́ЛЛОО́ПТИКА,** [< *металл* + *оптика*]. Илм дар бораи хосиятҳои оптикии металлҳо, инчунин таъсири мутақобили металлҳо ва мавҷҳои электромагнитӣ.

**МЕТА́ЛЛОТЕРМИ́Я,** [< *металл* + юн. therme гармӣ]. Раванди металлургии барқарор намудани металлҳо аз пайвастҳои онҳо (*оксидҳо, галогенидҳо* ва м. инҳо).

**МЕТА́ЛЛОФИ́ЗИКА,** [< *металл* + *физика*]. Соҳаи физика, ки сохт ва хосиятҳои физикии металлҳо ва хӯлаҳоро меомӯзад.

**МЕТАЛЛОФО́Н,** [< *металл* + юн. phone овоз]. Номи умумии асбобҳои мусиқие, ки манбаи овози онҳо ҷисми металлӣ мебошад.

**МЕТАЛЛУ́РГИ́Я,** [< *металл* + юн. ergon кор]. Соҳаи саноат, илм ва техника, ки аз маъдан ва маводи диг. истеҳсол кардани металлҳоро дар бар мегирад; М.-и сиёҳ -– истеҳсоли хӯлаҳо аз оҳан, чӯян ва пӯлод; М.-и ранга – истеҳсоли хӯлаҳо аз металлҳои ранга.

**МЕТАМАТЕМА́ТИКА,** [< *мета*… + *математика*]. Назарияи исбот; илме, ки назарияҳои шаклии математикӣ ва тарзу усули исботи математикиро тадқиқ мекунад.

**МЕТАМЕРИ́Я,** [< *мета*… + meros қисм, ҳисса]. **1**. *биол.* Ҷудо кардани бадани ҳайвонот (мас., ҳалқакирмҳо) ба қисмҳое, ки аз ҷиҳати сохт бо якдигар монанд буда, паиҳам ҷойгир шудаанд. **2**. *хим.* Яке аз намудҳои *изомерия.*

**МЕТАМОРФИ́ЗМ,** [юн. metamorphoomai дигаргун мешавам]. *геол.* Тағйирёбии сохт ва таркиби ҷинсҳои кӯҳӣ бо таъсири ҳарорат ва фишор.

**МЕТАМОРФО́З, МЕТАМОРФО́ЗА,** [юн. metamorphosis дигаргун мешавам]. *биол.* **1**. Таносух; аз як шакл ба шакли дигар гузаштан; тағйирёбии намуд; табдилёбии чизе ба чизе **2**. Дигаргуншавии шакл ва сохти организми ҳайвонот дар давраи инкишофи баъдиҷанинӣ, мас., ба қурбоққа табдил ёфтани кафлесак, ба шабпарак табдил ёфтани кирм. **3**. Дигаргуншавии шакли узвҳои асосии растанӣ дар натиҷаи тағйирёбии функсияи онҳо, мас., табдил ёфтани навдаҳои зеризаминӣ ба бехмева (пиёз, картошка).

**МЕТАМПСИХО́З,** [юн. metempsychosis]. Ниг. *метемпсихоз.*

**МЕТА́Н,** [фр. methane]. Гази беранг, ки дар натиҷаи пайвастшавии карбон бо гидроген ҳосил мешавад ($CH_4$); ҷузъи таркибии гази табиӣ мебошад; чун сӯзишворӣ, инчунин дар истеҳсоли баъзе маҳсулоти химиявӣ истифода мешавад.

**МЕТАНО́Л,** [< *метил*]. Спирти *метил* ё чӯб; моеи беранге, ки бӯи спирт мекунад; таркиби химиявиаш аз як атоми карбон ва ду атоми гидроген иборат аст; заҳрнок мебошад, истеъмоли 10 – 20 мл-и он ба заҳролудшавӣ, ноибиноӣ, ҳатто ба марг бурда мерасонад; хавфи асосиаш дар он аст, ки аз ҷиҳати бӯй ва намуди зоҳирӣ аз спирти этилӣ (*этанол*) қариб фарқ намекунад. || Мқс. этанол.

**МЕТАПЛАЗИ́Я,** [< юн. metaplasis табдил додан]. *физиол.* Табдил ёфтани як бофтаи организм ба бофтаи дигаре, ки аз рӯи сохт ва функсия аз бофтаи аввала фарқ мекунад, мас., табдил ёфтани тағояк ба устухон. || Мқс. неоплазия.

**МЕТАСОМАТИ́ЗМ,** [< *мета*… + soma ҷисм, бадан]. *геол.* Тадриҷан табдил ёфтани як минерали ҷинси кӯҳӣ ба минерали дигар бо таъсири тафта (*магма*) ё маҳлулҳои дар зери замин гардишхӯранда.

**МЕ́ТАСОМАТО́З,** [< *мета*… + soma ҷисм, бадан]. *геол.* Ниг. *метасоматизм.*

**МЕТАСТА́З,** [< юн. metastasis ҷой дигар кардан]. *тиб.* **1**. Ба воситаи рагҳои хунгузар ё лимфавӣ аз як қисми бадан ба қисми дигари он гузаштани микробҳои бемориовар ва ҳуҷайраҳои омос; реша давондани омос, захми чиркрав, саратон ва м. инҳо. **2**. Манбаи дуюми бемории, ки дар натиҷаи ҳамин гуна гузариш ба вуҷуд меояд.

**МЕТАТЕ́ЗА,** [< юн. metathesis ҷой дигар кардан]. *збш.* Ҷой иваз кардани овозҳо дар калима, мас., афв - авф, китф - кифт.

**МЕТАТЕ́НК, МЕТАТА́НК,** [< *мета* + англ. tank чалаки калон]. Ҳавз ё зарфи калони гунҷоишаш то якчанд ҳазор метри мукааб, ки дар он обҳои ифлосро бо усули биологӣ, яъне бо истифода аз *бактерия* ва *микроорганизмҳои* диг. соф мекунанд.

**МЕТАФА́ЗА,** [< *мета* + *фаза*]. *биол.* Давраи дуюми таҷзияи номустақими ҳуҷайра – *митоз*, ки дар ин вақт *хромосомҳо* дар мобайни ҳуҷайра ҷой гирифта, ба *хроматидҳо* тақсим мешаванд. || Мқс. анафаза, профаза.

**МЕТАФИ́ЗИК,** [< *метафизика*]. Пайрави ва ҷонибдори *метафизика* (ба маънои 1).

**МЕТАФИ́ЗИКА,** [< юн. meta баъди + physike физика]. **1**. *фалс.* Таълимоти фалсафӣ, ки мабдаъҳои фавқуттабиии ҳастиро меомӯзад ва, бар хилофи диалектика, ҳодисаҳоро берун аз робитаи байниҳамдигарӣ, ҳаракат, зиддиятҳо ва инкишофи онҳо баррасӣ мекунад. **2**. Асарҳои фалсафии Арасту, ки дар куллиёташ баъди қисми «физика» ҷой дода шудаанд. **3**. *маҷ.* Маҷҳул, муҷаррад, мубҳам.

**МЕТА́ФОРА,** [юн. metaphora]. *адш., збш.* Маҷоз; калима ва иборае, ки ба маънии ғайриҳақиқии худ кор фармуда шуда, он маънӣ аз ягон ҷиҳат ба маънии аслӣ монанд аст, мас., «домани кӯҳ», «қафаси сина».

**МЕТАФРА́ЗА,** [юн. metaphrasis ба тарзи дигар ифода кардан]. *адш.* **1**. Тарҷумаи таҳтуллафз (калима ба калима). **2**. Бо наср баён кардани мазмуни шеър.

**МЕТАСЕ́НТР (МЕТАЦЕ́НТР),** [< *мета* + рус. центр < лот. centrum марказ]. *физ.* Метамарказ; нуқтае, ки устувории мувозанати ҷисми шинокунанда аз мавқеи ҷойгиршавии он вобаста аст.

**МЕТГЕМОГЛОБИ́Н,** [< *мета* + *гемоглобин*]. *тиб. Гемоглобине*, ки дар он оҳан то ҳолати севалента оксид шудааст; ҳангоми баъзе намудҳои заҳролудшавӣ (мас., аз *анилин*) рӯй медиҳад ва боиси камоксигении организм мегардад.

**МЕТЕ́КҲО,** [< юн. қад metoikos муҳоҷирон]. *таър.* Дар Юнони Қадим – муҳоҷирони аҷнабӣ ва ғуломони озодшуда, ки аз ҳуқуқҳои сиёсӣ маҳрум буданд.

**МЕТЕМПСИХО́З,** [юн. metempsychosis]. Ақидаи хурофӣ дар динҳои буддоия, ҳиндуия ва баъзе дину мазҳабҳои дигар дар бораи он ки гӯё рӯҳи одами фавтида ба тани кӯдаки навзод, ҳайвон, растанӣ, ҷин, дев ва ғ. мегузаштааст. || Мқс. реинкарнатсия.

**МЕТЕО...,** [юн. қад.]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои обу ҳаво ё обуҳавосанҷӣ (метеорологӣ), мас., *метеостансия метеопат.*

**МЕТЕОПА́Т,** [< *метеопатия*]. *тиб*. Шахсе, ки организмаш ба тағйирёбии обу ҳаво вокуниш нишон медиҳад.

**МЕТЕОПА́ТИЯ,** [< *метео* + юн. pathos ранҷ, беморӣ]. *тиб*. Бад шудани саломатӣ дар натиҷаи тағйирёбии обу ҳаво.

**МЕТЕО́Р,** [< юн. meteoros дар осмон парвозкунанда]. **1**. *астр*. Шиҳоб; ситораи паррон; ҷисми хурди осмонӣ, ки бо суръати даҳҳо км/сония аз фазои байни сайёраҳо ба атмосфераи Замин парида меояд, инчунин дурахши ҳамин ҷисм. || Мқс. комета. **2**. *маҷ*. Чизе, ҳолате, касе, ки ногаҳон пайдо мешавад ва ҳамин тавр нест мешавад.

**МЕТЕОРИ́ЗМ,** [< юн. meteorismos дамидан]. *тиб*. Дамиши шикам; боди шикам; ҷамъ шудани гази бисёр дар узвҳои ҳозима, ки бо дамидани шикам, оруғзанӣ ва дарди рӯдаҳо зоҳир мегардад. || Мқс. тимпания.

**МЕТЕОРИ́Т,** [< *метеор*]. *астр*. Шиҳобпора; пораи ситораи паррон; ҷисми оҳанӣ ё сангӣ ва ё оҳанию сангие, ки аз фазои байни сайёраҳо ба Замин меафтад.

**МЕТЕОРИ́ТИКА,** [< *метеор*]. *астр*. Шиҳобшиносӣ; фасли астрономия, ки таркиб ва ҳаракати шиҳоб ва шиҳобпораҳо, инчунин хосиятҳои дигари онҳоро меомӯзад.

**МЕТЕОРО́ГРАФ,** [< *метеор* + *…граф*]. Асбоб барои сабти фишор, ҳарорат ва намнокии ҳаво дар атмосфераи озод.

**МЕТЕОРОЛО́ГИЯ,** [< юн. meteoros дар осмон парвозкунанда + *…логия*]. Обуҳавошиносӣ; ҳавошиносӣ; илм дар бораи ҳолати *атмосфера* ва ҳодисаҳои атмосферӣ – ҳарорат, фишор, намнокӣ, абрнокӣ, бориш, самти вазиши бод ва ғ., инчунин пешгӯии ин ҳодисаҳо. || Мқс. климатология, синоптика.

**МЕТЕОСТА́НСИЯ (МЕТЕОСТА́НЦИЯ),** [< *метео* + *рус. станция* < лот. ststio истгоҳ]. Маркази обуҳавосанҷӣ; муассисаи махсус барои мушоҳидаи доимии вазъи обу ҳаво.

**МЕТИ́ДА, МЕТИ́С,** [юн. қад.]. **1**. Дар асотири юнониён - зани якуми Зевс. **2**. *астр*. Радифи Муштарӣ, ки қутраш такр. 20 км аст.

**МЕТИЗА́ТСИЯ (МЕТИЗА́ЦИЯ),** [фр. metisation < metis дурага]. *кшв*. Ҷуфтикунонии байнизотии ҳайвонот дар доираи як намуд.

**МЕТИКА́Л,** [порт. metical]. Воҳиди пули Мозамбик.

**МЕТИ́Л,** [фр. methylene < юн. қад.]. *хим*. Моддаи химиявие, ки ба таркиби бисёр пайвастҳо дохил мешавад; аз як атоми карбон ва се атоми гидроген иборат аст. || Мқс. метанол, метилен, этил.

**МЕТИЛЕ́Н,** [фр. methylene < юн. қад.]. *хим*. Моддаи химиявие, ки ба таркиби бисёр пайвастҳо дохил мешавад; аз як атоми карбон ва ду атоми гидроген иборат аст. || Мқс. метанол, метил, этил.

**МЕТИЛЕНХЛОРИ́Д,** [< *метилен* + *хлорид*]. *хим.* Моеи органикии беранг – метане, ки ду атоми гидрогени он бо атомҳои хлор иваз шудаанд.

**МЕТИЛОРА́НЖ,** [< фр. methylene метил + orange афлесун]. *хим.* Ранги сунъӣ, ки дар озмоишгоҳҳои химиявӣ чун нишондиҳандаи (*индикатори*) дараҷаи туршӣ ва ишқорнокии маҳлулҳо истифода мешавад. || Мқс. лакмус.

**МЕТИЛХЛОРИ́Д,** [< *метил* + *хлорид*]. *хим.* Гази органикии беранг, ки молекулааш ба молекулаи метан монанд аст; дар саноати химия истифода мешавад.

**МЕТИ́С,** [фр metis < лот. mixtus дурага]. **1**. Дунажода; фарзанди падару модари гуногуннажод; насле, ки дар натиҷаи заношӯии намояндагони нажодҳои гуногуни инсон ба вуҷуд омадааст. **2**. *куҳна*. Ҳайвони дурага. || Мқс. гибрид.

**МЕ́ТОД,** [пол. metoda < лот. metodus усул]. Усул, услуб, роҳ, тариқа, равиш, тарз; усули ба даст овардани мақсаде ё иҷрои вазифаи мушаххасе; тарзи амал; маҷмуи усулҳои идроки амалӣ ё назариявии воқеият.

**МЕТО́ДА,** [< *метод*]. *куҳна*. **1**. Услуби таълим; усули омӯзиш. **2**. Маҷмуи усулҳои тайёр кардан ё офаридани чизе.

**МЕТО́ДИКА,** [< *метод*]. **1**. Маҷмуи усулҳои иҷрои амалии ягон кор, фаъолият. **2**. Маҷмуи қоидаю усулҳои таълиму тадриси ягон фан.

**МЕТОДИ́СТ[1],** [< *методика*]. Мутахассиси соҳаи *методикаи* дарсдиҳӣ.

**МЕТОДИ́СТ[2],** [< *метод*]. Пайрави яке аз ҷараёнҳои мазҳаби протестантӣ (ба истилоҳ, *методизм*), ки дар асри 18 дар Англия ба вуҷуд омадааст; М.-ҳо риояи қатъии расму оин ва дастурҳои калисоро талаб мекарданд.

**МЕТОДОЛО́ГИЯ,** [< *метод* + *…логия*]. **1.** Таълимот дар бораи усулҳои илмии идрок. **2**. Маҷмуи тарзу усулҳои тадқиқ, ки дар ягон илм ё соҳа истифода мешаванд.

**МЕТО́Л,** [ол.Metol < юн. methy май + лот. oleum равған]. *хим.* Пайвасти органикии кристаллшакл аз синфи *фенолҳо*, ки бо роҳи сунъӣ ҳосил карда мешавад; дар суратгарӣ истифода мебаранд.

**МЕТОНИ́МИЯ,** [< юн. meta дигар кардан, тағйир додан + onyma ном]. *збш., адш.* Маҷоз; кор фармудани ягон калима ба маънои ғайриҳақиқӣ, ки дар миёни маънои нав (маҷозӣ) ва маънои аслӣ аз ягон ҷиҳат шабоҳате бошад, мас., «пешонӣ турш кардан» – «изҳори норизоӣ кардан», «қаҳр кардан».

**МЕТОПИ́ЗМ,** [< юн. metopon фазои байни чашмҳо]. *тиб.* Дар мобайни пешонии одами калонсол боқӣ мондани дарзи ҷанинии ҷафснашуда.

**МЕТР[1],** [< юн. metron андоза, меъёр]. **1**. Воҳиди дарозӣ дар системаи метрии ченҳо ва Системаи байналхалқии воҳидҳо (СИ); М. дар аввал чун як ҳиссаи даҳмиллионии чоряки *меридиани* Париж қабул шуда буд (с. 1791); бо м ё m ишора карда мешавад; 1 м баробар аст ба: 0, 469 сарҷин, 1, 406 аршин, 3, 281 *фут*, 39, 71 *дюйм*, 10 дм, 100

см, 1000 мм. **2**. Ҷадвали якметра, ки ба сантиметрҳо ва миллиметрҳо тақсим шудааст. **3**. *адш*. Баҳр; тартиби муайяни ҳиҷоҳои дарозу кӯтоҳ дар шеър.

**МЕТР²,** [фр. maitre]. Дар гузашта – устод, муаллим, мураббӣ, ҳоло – унвони ифтихории арбоби илм, адабиёт ва санъат. || Мқс. маэстро.

**...МЕТР,** [< юн. metreo чен мекунам]. Қисми охири калимаҳои мураккаб, ки маъноҳои зеринро ифода мекунад: 1) дарозии иборат аз чанд метр ё чандяки метр, мас. *километр, сантиметр*. 2) олат, асбобе, ки бо он чизи дар аввали калима нишон додашударо чен мекунанд, мас. *амперметр*.

**МЕТРА́Ж,** [фр. metrage]. Дарозӣ, майдон ё масоҳат ба ҳисоби метр.

**МЕТРАНПА́Ж,** [фр. metteur en pages]. Саҳифабанди матбаа; сардори гурӯҳи ҳуруфчинҳо.

**МЕ́ТРДОТЕ́Л (МЕ́ТРДОТЕ́ЛЬ),** [фр. maitre d' hotel сардори меҳмонхона]. **1**. Пешхизмати калон дар тарабхона, ки ба кори пешхизматҳо ва ошпазҳо роҳбарӣ ва ба тарзи оро додани (*сервировкаи*) мизҳо назорат мекунад. **2**. *таър*. Дастархончӣ; ходими дарбори ашрофу сарватмандон, ки ба ташкили зиёфатҳо, тарзи оро додани мизҳо, сифати таомҳо ва ғ. мутасаддӣ буд. || Мқс. майордом.

**МЕТРЕ́ССА,** [фр. maitresse]. Маъшуқаи шахси сарватманд ё мансабдори олимақом.

**МЕ́ТРИКА¹,** [юн. metrike < metron андоза, меъёр]. **1**. *адш.* Вазншиносӣ; илм дар бораи вазни шеър. **2**. *адш.* Вазни шеър. **3.** *мат*. Қоидаи муайян кардани масофаи байни ду нуқтаи фазо. **4**. *мус*. Таносуби зеру бам.

**МЕ́ТРИКА²,** [пол. metryka < лот. matricula рӯихат]. Шаҳодатномаи таваллуд; зоднома.

**МЕТРИ́Т,** [< юн. metra бачадон]. *тиб*. Варами деворҳои бачадон; одатан дар натиҷаи *эндометрит*, сӯзок (*гонорея*) ё баъди исқоти ҳамл пайдо мешавад. || Мқс. параметрит.

**...МЕТРИЯ,** [< юн. metreo чен мекунам]. Қисми охири калимаҳои мураккаб, ки чен кардан, санҷидан, андозагириро ифода мекунад, мас., *геометрия, биометрия*.

**МЕТРО́,** [фр. metro]. Ниг. *метрополитен*.

**МЕТРОЛО́ГИЯ,** [< юн. metron андоза, меъёр + *...логия*]. **1**. *физ*. Илм дар бораи воҳидҳои андозагирӣ, усулҳои таъмини ягонагӣ ва саҳеҳии онҳо, инчунин муқаррар намудани *эталонҳои* андозагирӣ. **2**. *таър*. Фасли илми таърих доир ба воҳидҳои андозагирӣ (ченакҳои дарозӣ, масоҳат, вазн, ҳаҷм), инчунин воҳидҳои пул дар замонҳо ва мамлакатҳои гуногун.

**МЕТРОНО́М,** [< юн. metron андоза, меъёр + nomos қонун]. Асбоб барои муқаррар кардани фосилаҳои аниқи вақт; дар вақти озмоишҳои лабораторӣ, иҷрои машқҳои ҷисмонӣ, муайян кардани суръати иҷрои асари мусиқӣ ва ғ. истифода мешавад.

**МЕТРОПА́ТИЯ,** [< юн. metra бачадон + pathos ранҷ, бемор͡и]. *тиб*. Хунравии шадид аз бачадон дар давраи наврас͡и ё қатъи ҳайз (*климакс*); ҳангоми М. дард ё бемории узвҳои таносул мушоҳида карда намешавад.

**МЕТРОПОЛИТЕ́Н,** [фр. metropolitain]. **1**. Нақлиёти мусофиркаши барқии шаҳр͡и, ки бо роҳи оҳани зеризамин͡и ё р͡уизамин͡и ҳаракат мекунад; *метро* низ г͡уянд. **2**.´*гуфт*. Роҳи оҳан ва истгоҳи ҳамин гуна нақлиёт.

**МЕТРОПО́ЛИЯ,** [юн. metropolis]. *таър*. **1**. Дар Юнони Қадим – номи шаҳр-давлат (*полис*) нисбати мустамликаҳояш. **2**. Умуман, давлати мустамликадор.

**МЕТРОРАГИ́Я, МЕТРОРРАГИ́Я,** [< юн. metro бачадон + ragia кафидан]. *тиб*. Хунравии нобаҳангом аз бачадон бо вайроншавии давраи ҳайз. || Мқс. менструатсия.

**МЕТРОСЕКСУА́Л**, [англ. metrosexual]. Марде, ки ба намуди зоҳирии худ диққати зиёд медиҳад ва истифодабарандаи фаъоли маводи косметик͡и ва либоси м͡уд мебошад.

**МЕТСЕНА́Т (МЕЦЕНА́Т),** [< лот. Mecenas – аз номи мансабдори сарватманди Рими Қадим (асри 1 то милод), ки чун ҳом͡и ва сарпарасти илму ва санъат шуҳрат пайдо карда буд]. Ҳомии сарватманди илму санъат.

**МЕ́ТСО, МЭ́ТСО (МЕ́ЦЦО, МЭ́ЦЦО),** [< ит. mezzo миёна]. *мус*. Ниг. *метсо-сопрано.*

**МЕ́ТСО-СОПРА́НО (МЕ́ЦЦО-СОПРА́НО),** [< ит. mezzo миёна + soprano овози сопрано]. *мус*. **1**. Овози миёнаи занона (байни *сопрано* ва *контралто*). **2**. Сарояндае, ки чучин овоз дорад.

**МЕФИСТО́ФЕЛ (МЕФИСТО́ФЕЛЬ),** [ол. Mephistopheles]. Дар ривоёт ва адабиёти бадеии халқҳои Аврупо – иблис, шайтон, р͡уҳи бадкор, бадтинат ва васвасаандоз; дар драмаи фалсафии Гёте «Фауст» – ҳамнишин ва ҳамсуҳбати доктор Фауст, ки ба вай ба ивази р͡уҳаш ҳокимият, ҷавонии абад, неъматҳои дунё ва Еленаи Соҳибҷамолро пешниҳод карда буд.

**МЕХАНИЗА́ТОР,** [< *механизатсия* + пасв. -атор]. **1**. Мутахассиси *механизатсия*. **2**. Коргаре, ки олоти механикиро идора ё таъмир мекунад.

**МЕХАНИЗА́ТСИЯ (МЕХАНИЗА́ЦИЯ),** [< юн. mechane олат, мошин]. Механикон͡и; механикисоз͡и; иваз намудани олоти дастии меҳнат бо мошину механизмҳо; ҷор͡и кардани техника дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсон.

**МЕХАНИ́ЗМ,** [фр. mecanisme < юн. mechane олат, мошин]. **1**. Ҷиҳози даруни мошин, дастгоҳ, асбоб, ки яке дигареро ба кор медарорад ва дар натиҷа мошин, дастгоҳ ва асбоб ба кор медарояд. **2**. Сохт ва низоми дохилии чизе, мас., М.-и давлат͡и. **3**. Роҳу усули иҷрои коре, мас., М.-и иҷрои қонун; тартиби амале, мас. М. гардиши хун.

**МЕХА́НИК,** [< юн. mechane олат, мошин]. **1**. Мутахассиси *механика*. **2**. Шахсе, ки ба кор ва ҳолати мошину олоти механик͡и назорат мекунад.

**МЕХА́НИКА,** [юн. mechanike < mechane олат, мошин]. **1**. *физ*. Фасли физика, ки қонуниятҳои ҳаракати ҷисмҳо дар фазо ва қувваи ҳосилнамудаи ин ҳаракатро меомӯзад; ба *кинематика, статика* ва *динамика* ҷудо мешавад. **2**. Соҳаи техника, ки ин қонуниятҳоро дар амал, мас., дар истеҳсолот, татбиқ мекунад. **3**. *маҷ*. Сохти чизе.

**МЕХАНИТСИ́ЗМ (МЕХАНИЦИ́ЗМ),** [< *механика*]. *фалс*. Таълимоти фалсафие, ки инкишофи табиат ва ҷамъиятро бо қонунҳои ҳаракати механикии материя вобаста медонад.

**МЕХАНО...,** [< юн. mechane олат, мошин]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки бо ҳаракати механикӣ ва механизмҳо робита доштани қисми охири калимаро ифода мекунад, мас., *механотерапия*.

**МЕХАНОРЕТСЕ́ПТОР (МЕХА́НОРЕЦЕ́ПТОР),** [< *механо...* + *ретсептор*]. Анҷомаи ҳассоси асаб, ки ангезишҳои механикиро аз берун ё аз узвҳои дарунӣ қабул ва дарк мекунад.

**МЕХАНОСТРИ́КСИЯ (МЕХА́НОСТРИ́КЦИЯ),** [< *механо...* + лот. strictio фишурдан]. *физ*. Вайроншавии шакли ҷисм дар натиҷаи шиддати механикие, ки ҳолати магнитии ҷисмро тағйир медиҳад.

**МЕХА́НОТЕРАПИ́Я,** [< *механо...* + *терапия*]. *тиб*. Муолиҷа бо машқҳои ҷисмоние, ки бо ёрии асбобу олоти махсус иҷро карда мешаванд. || Мқс. вибротерапия.

**МЕХА́НОТРО́Н,** [< *механо...* + *(элек)трон*]. *тех*. Асбоби электровакуумӣ, ки дар он ҷараёни электронӣ ё ионӣ бо роҳи ҷойивазкунии электродҳои он идора карда мешавад; *вибротрон* низ гӯянд.

**МЕХАНОХИ́МИЯ,** [*механо...* + *химия*]. Фасли химия, ки бо таъсири механикӣ тағйир ёфтани хосиятҳои химиявии моддаҳоро меомӯзад.

**МЕШ,** [англ. mesh]. *тех*. Воҳиди зичии тӯрҳои симин, ки ба шумораи сӯрохиҳо дар як дюйми тӯр баробар аст; дар мамлакатҳои англисизабон барои муайян кардани калонии маводи дона-дона истифода мешавад.

**МЕША́НҲО (МЕЩА́НҲО),** [< пол. miezczanin шаҳрнишин]. **1**. *таър*. Аҳли табақаи савдогарони майда, косибон, хизматчиён ва м. инҳо дар Россияи тоинқилобӣ. **2**. *маҷ*. Шахси тангназар, кӯтоҳбин.

**МИ,** [ит. mi]. Яке аз овозҳои мусиқӣ – дараҷаи сеюми қаторовози *диатоникии* асосӣ. || Мқс. до, ля.

**МИА́ЗМА,** [< юн. miasma доғ, чирк]. **1**. Буғу ғубори заҳролуди чизҳои пӯсида, ки ба организми одам даромада, боиси ҳар гуна бемориҳо мегардад. **2**. Уфунат; бӯи бад.

**МИА́ЗҲО,** [< юн. myia магас]. *тиб., байт*. Бемориҳои одам ва ҳайвон, ки барангезандагонашон кирмакҳои магас мебошанд.

**МИАЛГИ́Я,** [< юн. my(s) мушак + algos дард]. *тиб*. Дарди мушак; мушакдард. || Мқс. миастения.

**МИАСТЕНИ́Я,** [< юн. my(s) мушак + astheneia беқувватӣ]. *тиб*. Беморocc музмине, ки аломатии асосии он сустӣ, беқувватӣ ва зуд хасташавии мушакҳо мебошад. || Мқс. миалгия, миозит.

**МИГРА́НТҲО,** [< *мигратсия*]. **1**. Муҳоҷирон; шахсоне, ки бо ягон сабаб ба минтақаи дигаре ҳиҷрат кардаанд. **2**. *зоол*. Ҳайвоноти муҳоҷир, кӯчӣ.

**МИГРА́ТСИЯ (МИГРА́ЦИЯ),** [< лот. migratio кӯчидан]. **1**. Муҳоҷират; кӯчидан, ҳиҷрат кардан, дигар кардани ҷои истиқомат, мас. М.-и аҳолӣ дар дохили мамлакат (М.-и дохилӣ) ё аз як мамлакат ба мамлакати дигар (М.-и берунӣ). **2**. *зоол*. Ба ҷойҳои дигар кӯчидани баъзе намудҳои ҳайвонот (мас. парандаҳо) бо сабаби тағйир ёфтани шароит ё иқлими минтақаи асосии зисташон. **3**. М.-и сармоя – гардиши (ҳаракати) сармоя аз як соҳаи иқтисод ба соҳаи дигар ё аз як мамлакат ба мамлакати дигар. **4**. М.-и элементҳо – кӯчиш ва аз нав тақсим шудани элементҳои химиявӣ дар қишр ё сатҳи Замин дар натиҷаи равандҳои гуногуни геохимиявӣ.

**МИГРЕН (МИГРЕНЬ),** [< юн. hemikraina дарди нисфи сар]. *тиб*. Дарди нимсара; шақиқа; дарди нисфи сар якҷоя бо дилбеҳузурӣ ва қай; бештар дар натиҷаи ихтилоҷи рагҳои мағзи сар пайдо мешавад.

**МИ́ДЕЛ (МИ́ДЕЛЬ),** [ҳол. middel, англ. middle]. Қисми мобайн ва васеътарини киштӣ.

**МИ́ДЕЛ-ШПАНГО́УТ (МИ́ДЕЛЬ-ШПАНГО́УТ),** [< *мидел* + *шпангоут*]. *Шпангоуте*, ки дар қисми васеътарини киштӣ ҷойгир шудааст (ниг. *шпангоут*).

**МИ́ДИ,** [< англ. middle миёна]. Либоси дарозиаш миёна (то зону).

**МИ́ДИЯ,** [< лот. mucosus пур аз луоб]. Як навъ *моллюски* хӯрдании баҳрӣ.

**МИДРО́ЛЛ**, [англ. mid-roll < mid миёна + roll ролик]. Рекламае, ки дар байни филм, маводи видеоӣ намоиш дода мешавад.

**МИЕЛИ́Н,** [< юн. myelos мағз, иллик]. *анат*. Омехтаи моддаҳои чарбмонанд, ки ба таркиби мағзпардаи (илликпардаи) торҳои асаб дохил мешаванд.

**МИЕЛИ́Т,** [< юн. myelos мағз, иллик]. *тиб*. Варами ҳароммағз аз таъсири зараровари вирусҳои нейротропӣ. || Мқс. остеомиелит, полиомиелит.

**МИЕЛОИДӢ,** [< юн. myelos мағз, иллик + ...*ома*]. *анат*. Бофтаи М. – бофтаи хунофари мағзи (иллики) устухон, ки дар он *гранулоситҳо* ҳосил мешаванд.

**МИЕЛОЛЕЙКО́З,** [< юн. myelos мағз, иллик + *лейкоз*]. *тиб*. Лейкемия, сафедхунӣ; бемории омосии бофтаи хунофар, ки дар натиҷаи иллат ёфтани мағзи устухон, калоншавии лимфагиреҳҳо ва испурч, инчунин бисёр ҳосил шудани *гранулоситҳои* норасид пайдо мешавад.

**МИЗАНСАҲНА́,** [< фр. mise en ҷойгиршавӣ дар… + саҳна]. *санъ.* Ҷойгиршавии актёрҳо дар саҳна дар ин ё он лаҳзаи спектакл.

**МИЗАНТРО́П,** [< *мизантропия*]. Одамбезор, мардумгурез, хилватнишин.

**МИЗАНТРО́ПИЯ,** [юн. misanthropia < miseo бад мебинам + anthropos одам]. Инсонбадбинӣ, нафрат аз одамон, мардумбезорӣ, мардумгурезӣ.

**МИ́ЗЕР,** [лот. miser камбағал, қашшоқ]. **1**. Ниҳоят кам, нокифоя, ночиз, андак. **2**. Дар қартабозӣ (мас., дар *преферанс*) – камтарин пули қимор (*ставка*).

**МИЗОФО́БИЯ,** [< юн. miso ифлосӣ + *…фобия*]. Тарси доимӣ аз ифлосӣ, чирк, сироятёбӣ.

**МИКА́ДО,** [яп. mikado < mi зоти шариф + kado роҳ]. Унвони императори Япония.

**МИКВА́,** [< яҳ. қад.]. Дар дини яҳудия – ҳавзи махсус барои ғусли занон баъди таваллуд кардан.

**МИКОБАКТЕ́РИЯ,** [< юн. mykes занбӯруғ + *бактерия*]. *мкб. Бактерия* аз оилаи *актиномитсетҳо*, ки барангезандаи бемории сил мебошад.

**МИКО́ЗҲО,** [< юн. mykes занбӯруғ]. *тиб., байт.* Бемориҳои пӯст ва узвҳои дарунии одам ва ҳайвон, ки барангезандагонашон занбӯруғҳои ангал мебошанд.

**МИКОЛО́ГИЯ,** [< юн. mykes занбӯруғ + *…логия*]. *бот.* Занбӯруғшиносӣ; фасли ботаника, ки занбӯруғҳоро меомӯзад.

**МИКОПЛА́ЗМАҲО,** [< юн. mykes занбӯруғ + *плазма*]. *мкб.* Синфи бактерияҳои беҳаракати бемориовар, ки ба ҷои ҳуҷайра пулакчаҳои (*мембранаҳои*) *плазмавӣ* доранд; ғизояшон – пасмондаҳои органикӣ, баъзан дар организмҳои зинда муфтхӯрӣ мекунанд.

**МИКОТРО́ФҲО,** [< юн. mykes занбӯруғ + trophe ғизо]. *бот.* Растаниҳое, ки бо ёрии занбӯруғҳои дар решаашон ҷойгиршуда ғизо мегиранд.

**МИКРО…,** [< юн. mikros хурд]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки маъноҳои зеринро ифода мекунад: 1) «бениҳоят хурд», «хеле хурд», мас., *микроорганизм* (баракси *макро…*); 2) тадқиқи чизҳои хеле хурд, мас., *микробиология.* 3) миллионяки воҳиди асосии ченакҳое, ки дар қисми дуюми калима нишон дода шудаанд, мас., *микроволт, микрофарада.*

**МИКРО́Б,** [< юн. mikros хурд + bios ҳаёт]. Номи умумии *микроорганизмҳо* – *бактерияҳо, актиномитсетҳо*, содатаринҳо, обсабзҳои хурдтарин, ки онҳоро танҳо бо заррабин (*микроскоп*) дидан мумкин аст.

**МИКРОБИО́ЛОГ,** [< *микробиология*]. Мутахассиси соҳаи *микробиология.*

**МИКРОБИОЛО́ГИЯ,** [< *микро…* + *биология*]. Илме, ки пайдоиш, сохт, таркиб, хусусиятҳо, паҳншавӣ ва аҳамияти амалии *микроорганизмҳоро* меомӯзад.

**МИКРОБИО́ТА,** [< *микро…* + bios ҳаёт]. *бот.* Ҷинси буттаҳои ҳамешасабз аз оилаи сарвҳо.

**МИКРОБЛО́Г**, [< *микро…* + *блог*]. *инф.* Блоге (ниг. *блог*), ки дар он хабарҳои кӯтоҳ, паёмҳо, тафсирҳо, шарҳу эзоҳҳоро ҷой медиҳанд. || Мқс. коммент.

**МИКРОГЛОССА́РИЙ,** [< *микро…* + *глоссарий*]. Луғати соҳавӣ, мас., луғати истилоҳоти соҳаи *информатика.*

**МИКРОГРА́ММ,** [< *микро…* + *грамм*]. Воҳиди вазн – аз миллиард як ҳиссаи *килограмм.*

**МИКРОДИССЕ́КСИЯ (МИКРОДИССЕ́КЦИЯ),** [< *микро…* + лот. dissectio чок кардан]. Ниг. *микрургия.*

**МИКРОЗАРРА́,** [< *микро…* + зарра]. Зарраи массааш хеле хурд; ба М.-ҳо атомҳо, молекулаҳо, зарраҳои элементарӣ дохил мешаванд.

**МИКРОКАРОТА́Ж,** [< *микро…* + *каротаж*]. *геол.* Омӯзиши қабатҳои геологӣ бо роҳи чен кардани муқовимати электрии ҷинсҳои кӯҳӣ.

**МИКРОКЕФА́Л, МИКРОСЕФА́Л (МИКРОЦЕФА́Л),** [< *микрокефалия*]. *тиб.* Хурдкалла; шахсе, ки калла ва мағзи сараш аз андозаи муқаррарӣ хеле хурд аст.

**МИКРОКЕФА́ЛИЯ, МИКРОСЕФА́ЛИЯ (МИКРОЦЕФА́ЛИЯ),** [< *микро…* + kephale сар, калла]. *тиб.* Хурдкаллагӣ; нуқси инкишоф – калла ва мағзи сари хеле хурд, бо вуҷуди муқаррарӣ будани андозаи қисмҳои дигари бадан; баракси *макрокефалия.*

**МИКРОКЛИ́МАТ,** [< *микро…* + *климат*]. **1**. Микроиқлим; иқлими қабати поёнии наздизаминии ҳаво, ки бо хусусиятҳои маҳал вобаста аст. **2**. Шароити иқлимии дохили биноҳо, ки ба таври сунъӣ ба вуҷуд оварда шудааст. **3**. *маҷ.* Ҳолати рӯҳию психологӣ, муносибати байниҳамдигарӣ дар оила, дар байни гурӯҳи ҳамкорон.

**МИКРОКЛИ́Н,** [< *микро…* + klino хам мекунам, тоб медиҳам]. *маъд.* Минерал, *алюмосиликати* калий аз гурӯҳи шпатҳои даштӣ; дар истеҳсоли маснуоти шишагӣ ва кулолӣ истифода мешавад.

**МИ́КРОКО́ККҲО,** [< *микро…* + *коккҳо*]. *биол.* Ҷинси бактерияҳои кулӯлашакли хурдтарин (*коккҳо*), ки дар об ва ҳаво зиндагӣ мекунанд; баъзеяшон бемориоваранд.

**МИ́КРОКО́СМ, МИ́КРОКО́СМОС,** [< *микро…* + *космос*]. Олами ҷисмҳои хурд, атомҳо, молекулаҳо ва м. инҳо; баракси *макрокосм, макрокосмос.*

**МИКРОКУЛО́Н,** [< *микро…* + *кулон*]. Аз миллион як ҳиссаи *кулон.*

**МИКРОЛИ́Т,** [< *микро…* + *…лит*]. **1**. *маъд.* Минерал, оксиди тантал бо омехтаи *висмут, уран* ва *ниобий.* **2**. *пал.* Олоти хурди сангии одами ибтидоии давраи *мезолит.*

**МИКРО́М,** [< *микро…* + *ом*]. Аз миллион як ҳиссаи *ом*.

**МИКРО́МЕТР,** [< *микро…* + *…метр*]. **1**. *физ., тех*. Асбоб барои аниқ чен кардани андозаи маснуот. || Мқс. миниметр, оптиметр. **2**. *астр*. Асбоб барои чен кардани масофаҳои кунҷии хеле хурд. || Мқс. астролябия, гелиометр.

**МИКРОМЕ́ТР,** [< *микро…* + *…метр*]. Воҳиди дарозӣ – аз миллион як ҳиссаи метр; *микрон* низ гӯянд.

**МИ́КРОМО́ДУЛ (МИ́КРОМО́ДУЛЬ),** [< *микро…* + *модул*]. *тех*. Модуле, ки (ниг. *модул*) аз чандин қисми хеле хурду нозук (*микроэлементҳо*) иборат буда, дар техникаи электронӣ ва соҳаҳои диг. истифода мешавад. || Мқс. микросхема.

**МИКРО́Н,** [< юн. mikros хурд]. Ниг. *микроме́тр*.

**МИ́КРООРГАНИ́ЗМҲО,** [< *микро…* + *организмҳо*]. Номи умумии ҳамаи организмҳои хурдтарини наботӣ ва ҳайвонӣ, ки онҳоро танҳо бо заррабин (*микроскоп*) дидан мумкин аст; *микробҳо* низ гӯянд.

**МИКРОПИ́ЛЕ,** [< *микро…* + pyle дарвоза]. **1**. *зоол*. Як ё якчанд сӯрохие дар пардаи тухми баъзе ҳайвонот (мас., моҳиҳо, тортанакшаклҳо, нармбаданҳо ва ғ.), ки аз он *сперматозоид* ба тухм медарояд. **2**. *бот*. Сӯрохие дар нӯги тухммуғчаи растаниҳои олӣ, ки ба воситаи он гардолудшавӣ ба амал меояд.

**МИКРОПРОСЕ́ССОР (МИКРОПРОЦЕ́ССОР),** [< *микро…* + *просессор*]. *инф*. Асбоби нимноқилӣ барои коркарди иттилоот, ки аз як ё якчанд нақша (*схема*)-и калони *интегралӣ* иборат аст; дар компютерҳо, мошинҳои ҳисоб, пойгоҳҳои (*стансияҳои*) кайҳонӣ, воситаҳои нақлиёт, соатҳои электронӣ ва ғ. истифода мешавад.

**МИ́КРОРЕЛЙЕ́Ф (МИ́КРОРЕЛЬЕ́Ф),** [< *микро…* + *релйеф*]. *геогр*. Релйефи хурд; релйефи маҳал, ки фарқияти пастию баландиҳояш ҳамагӣ якчанд метр аст. || Мқс. макрорелйеф, мезорелйеф.

**МИКРОСЕФА́Л (МИКРОЦЕФА́Л),** [< *микро…* + kephale сар, калла]. *тиб*. Ниг. *микрокефал*.

**МИКРОСЕФА́ЛИЯ (МИКРОЦЕФА́ЛИЯ),** [< *микро…* + kephale сар, калла]. *тиб*. Ниг. *микрокефалия*.

**МИКРОСКО́П [1],** [< *микро…* + skopeo мебинам]. Заррабин; асбоби оптикие, ки чизҳои хурди бо чашми одӣ диданашавандаро чандин ҳазор маротиба калон карда нишон медиҳад. || Мқс. лупа, мегаскоп, телескоп.

**МИКРОСКО́П [2],** [лот. Microscopiuma]. *астр*. Номи бурҷе дар Нимкураи ҷанубии осмон.

**МИКРОСКОПИ́Я,** [< *микро…* + skopeo мебинам]. *физ*. Маҷмуи усулҳои омӯзиши чизҳои ниҳоят хурд бо ёрии *микроскопҳои* гуногун.

**МИКРОСКОПӢ,** [< *микроскоп*]. **1**. Ниҳоят хурд; хеле хурд, фақат бо заррабин дидашаванда. **2**. Бо ёрии *микроскоп* иҷрошуда, мас., таҳлили М.-и хун.

**МИКРОСО́МАҲО,** [< *микро…* + soma ҷисм]. Ниг. *сферосомаҳо*.

**МИКРОСОТСИОЛО́ГИЯ (МИКРОСОЦИОЛО́ГИЯ),** [< *микро…* + *сотсиология*]. Яке аз шохаҳои *сотсиология*, ки муносибатро дар гурӯҳҳои хурди иҷтимоӣ (мас., оила, гурӯҳи кормандони шуъба, синфи мактаб ва ғ.) ба сифати амсилаи асосии муносибатҳои иҷтимоӣ меомӯзад.

**МИКРОСПОРА́НГИЙ,** [< *микро…* + *спорангий*]. *бот.* Узви серҳуҷайраи растаниҳои олӣ, ки дар он *микроспораҳо* инкишоф меёбанд.

**МИКРОСПО́РАҲО,** [< *микро…* + *спора*]. *бот. Спораҳои* хурди беҷинси *гаплоидии* баъзе растаниҳо, ки дар *микроспорангийҳо* ба вуҷуд меоянд.

**МИКРОСПОРИ́Я,** [< *микро…* + *спора*]. *тиб.* Шукуфа; бемории сироятии пӯсти одам ва ҳайвон, ки барангезандагонаш замбурӯғҳои хурди ангал – *дерматомисетҳо* мебошанд; бо шахшӯлшавии пӯст, пайдо шудани доғҳо дар қисмҳои мӯйдори бадан ва рехтани мӯйҳо ҷараён меёбад. || Мқс. дерматомикоз, псориаз, экзема.

**МИ́КРОСПОРОФИ́ЛЛ,** [< *микро…* + *спорофилл*]. *бот.* Узви баргшакли баъзе растаниҳо, ки дар он танҳо *микроспорангийҳо* инкишоф меёбанд.

**МИ́КРОСТРУКТУ́РА,** [< *микро…* + *структура*]. *физ.* Микросохтор; сохти ҷисмҳои сахт (металл, хӯла, ҷинсҳои кӯҳӣ ва ғ.), ки бо заррабин (*микроскоп*) дидан мумкин аст. || Мқс. макроструктура.

**МИ́КРОСХЕ́МА,** [< *микро…* + *схема*]. Микронақша; нақшаи *интегралии* электронӣ, ки унсурҳои нимноқилии ниҳоят хурди он бо якдигар пайваст буда, вазифаҳои муайянро иҷро мекунанд.

**МИКРОТИ́ПИЯ,** [< *микро…* + typos из, нақш]. Нусхаи расме, ки ба воситаи заррабин (*микроскоп*) гирифта шудааст.

**МИКРОТО́М,** [< *микро…* + tome буриш]. *биол.* Асбобе, ки бо ёрии он бофтаҳои ҳайвон ва растаниро тунук мебуранд (барои бо заррабин тадқиқ кардани онҳо).

**МИКРОТРО́Н,** [< *микро* + *(элек)трон*]. *физ. Сиклотрони* электронӣ; таҷҳизот барои тезондани ҳаракати *электронҳо*.

**МИКРОФА́ГҲО,** [< *микро…* + *…фаг*]. *физиол.* Ҳуҷайраҳои сафеди хун (*лейкоситҳо*), ки қодиранд бактерияҳо ва ҳар гуна ҷисмчаҳои барои организм бегона ва заҳрнокро дошта гирифта, ҳазм кунанд; *нейтрофилҳо* низ гӯянд. || Мқс. макрофагҳо, фагоситҳо.

**МИКРОФА́ЗЕР**, [англ. microfaser]. Як навъ матои синтетикии обногузар, вале ҳавогузар, ки аз наххои ниҳоят борик (микронаххо) бофта мешавад.

**МИКРОФАРА́ДА,** [< *микро…* + *фарада*]. *физ.* Аз миллион як ҳиссаи *фарада*; ишораташ – мкФ. ‖ Мқс. фарада.

**МИКРОФА́УНА,** [< *микро…* + *фауна*]. *пал.* Боқимондаҳои хеле хурд ва ба чашми одӣ нонамоёни ҳайвоноти мунқариз (мурдарафта).

**МИКРОФИ́БРА,** [< *микро…* + лот. fibra нах]. Як навъ матои трикотажии хеле тунук, нафис ва ёзанда.

**МИКРОФИ́ЛМ (МИКРОФИ́ЛЬМ),** [< *микро…* + *филм*]. Нусхаи ҳуҷҷат, дастнавис, сурат, нақша ва ғ., ки дар ҳаҷми аз будаш даҳҳо ва ҳатто садҳо маротиба хурдтар дар навори суратгирӣ, кинонавор ё видеонавор сабт карда шудааст.

**МИКРОФЛО́РА,** [< *микро…* + *флора*]. **1**. *биол.* Маҷмуи микроорганизмҳои хурдтарине, ки дар муҳити муайян (мас., дар об, хок, ҳаво, маҳсулоти хӯрокӣ, дар организми инсон, ҳайвон, растанӣ ва ғ.) вуҷуд доранд. **2**. *пал.* Боқимондаҳои хеле хурд ва ба чашми одӣ нонамоёни растаниҳои мунқариз (нестшуда). ‖ Мқс. микрофауна.

**МИКРОФО́Н,** [< *микро…* + *фон*]. Асбобе, ки лаппишҳои овозиро ба лаппишмавҷҳои электрӣ табдил медиҳад; дар телефон, радио, телевизион, таҷҳизоти сабти овоз ва ғ. истифода мешавад. ‖ Мқс. мегафон, рупор.

**МИКРОФОТОГРА́ФИЯ,** [< *микро…* + *фотография*]. Гирифтани сурати чизҳои ниҳоят хурд бо ёрии заррабине, ки ба *камераи* асбоби суратгирӣ васл карда шудааст.

**МИКРОХИРУРГИ́Я,** [< *микро…* + *хирургия*]. *тиб.* Ҷарроҳии узвҳои ниҳоят хурди бадани инсон (рагҳои хун, торҳои асаб ва ғ.) бо ёрии техникаи оптикӣ ва *лазерӣ*.

**МИКРОЭВОЛЮ́ТСИЯ (МИКРОЭВОЛЮ́ЦИЯ),** [< *микро…* + *эволютсия*]. *биол.* Микротатаввур; маҷмуи равандҳои *эволютсионие*, ки дар дохили *популятсияҳои* алоҳида ё ба ҳам наздики намудҳо ба амал омада, боиси тағйирёбии сохти генетикии ин популятсияҳо, пайдошавии тафовути байни организмҳо ва ташаккулёбии намудҳои нав мегарданд. ‖ Мқс. макроэволютсия.

**МИКРОЭКОНО́МИКА,** [< *микро…* + *экономика*]. Микроиқтисод; соҳаи илми иқтисод, ки иқтисодро дар сатҳи воҳидҳои алоҳидаи иқтисодӣ (соҳа, ширкат, хонавода ва ғ.) меомӯзад. ‖ Мқс. макроэкономика.

**МИКРОЭЛЕКТРО́НИКА,** [< *микро…* + *электроника*]. Соҳаи электроника, ки бо ихтироъ кардан, омӯхтан ва истифода бурдани асбобу олоти ниҳоят хурду нозуки электронӣ, аз ҷумла *микросхемаҳои* интегралӣ машғул мебошад; *электроникаи интегралӣ*.

**МИКРОЭЛЕМЕ́НТҲО,** [< *микро…* + *элемент*]. **1**. *Элементҳои* химиявие, ки дар растанӣ, ҳайвонот ва микроорганизмҳо ба миқдори хеле кам вуҷуд дошта, ба таркиби пайвастҳои фаъоли биологӣ (витаминҳо, гормонҳо, ферментҳо ва ғ.) дохил мешаванд. **2**. Дар радиоэлектроника – элементҳои хурди нимноқилии схемаи

радиотехникӣ (*танзисторҳо, диодҳо, резисторҳо* ва м. инҳо), ки дар *микромодулҳо* истифода мешаванд.

**МИКРУРГИ́Я,** [< *микро…* + *(хир)ургия*]. *биол.* Ҷарроҳии микроорганизмҳои зинда, содатаринҳо ё ҳуҷайраҳои организмҳои серҳуҷайра дар зери заррабин (*микроскоп*); *микродиссексия* низ гӯянд.

**МИКСБО́РДЕР,** [< англ. to mix омехта кардан + border шероза]. Чамани ҳамешагул; растаниҳои ороишии қатор-қатор шинондашудае, ки муҳлати гулкуниашон гуногун аст (аз аввали баҳор сар карда то охири тирамоҳ).

**МИКСЕДЕ́МА,** [< юн. myxa луоб + boidema варам]. *тиб.* Беморие, ки аз сабаби тамоман вуҷуд надоштани ғадуди сипаршакл (мас., баъди бурида партофтани он) ё фаъолияти сусти ин ғадуд пайдо мешавад; аломатҳояш: варами пӯст ва забон, суст шудани хотира ва қобилияти зеҳнӣ, фишори пасти хун, хоболудӣ, заифии ҷисмонӣ ва ғ. || Мқс. гипертериоз.

**МИ́КСЕР,** [англ. mixer < to mix омехта кардан]. **1**. Асбоб барои омехта кардан ё лат задани ягон чиз, мас., тухм, коктейл ва ғ. **2**. Зарфи пӯлодин барои нигоҳ доштани чӯяни гудохта.

**МИКСИ́НҲО,** [< юн. myxa луоб]. *зоол.* Гурӯҳи мухрадорони обӣ аз синфи даҳонгирдҳо; дарозиашон то 0,7 м.

**МИ́КСОБАКТЕ́РИЯҲО,** [< юн. myxa луоб + *бактерия*]. *биол.* Синфи бактерияҳои чӯбчашакле, ки дар хок, кӯл, поруи ҳайвонот, пасмондаи растаниҳо зиндагӣ мекунанд.

**МИ́КСОВИ́РУСҲО,** [< юн. myxa луоб + *вирус*]. *биол.* Оилаи вирусҳое, ки ба роҳҳои нафас осеб мерасонанд.

**МИКСОМАТО́З,** [< юн. myxa луоб + *…ома*]. *байт.* Бемории шадиди вирусии харгӯшҳо, ки бо варами қисми пеши сар, чашм ва узвҳои таносул зоҳир мегардад.

**МИКСОМИСЕ́ТҲО (МИКСОМИЦЕ́ТҲО),** [< юн. myxa луоб + mykes занбӯруғ]. *биол.* Организмҳои занбӯруғшакли бехлорофилл, ки дар ҷангалҳо, ҷойҳои намнок, дар чӯби пӯсида ва боқимондаҳои наботот инкишоф меёбанд.

**МИКСТУ́РА,** [лот. mixtura омехта]. Доруи обакӣ, ки аз омехтаи ду ё якчанд дору тайёр карда мешавад.

**МИ́КШЕР,** [англ. mixer < to mix омехта кардан]. Ҷиҳоз барои болоиҳам (ҳамзамон) сабт кардан ё шунавондани якчанд овоз, мас., овози ровӣ ва мусиқӣ.

**МИЛ[1],** [англ. mil]. Воҳиди англисии дарозӣ, ки ба 0,001 *дюйм* ё 25,4 *микрометр* баробар аст. || Мқс. фут, ярд.

**МИЛ (МИЛЬ)[2],** [< лот. mille ҳазор]. Пули майдаи Кипр, ки ба 0,001 фунти кипрӣ баробар аст.

**МИЛЕ́ДИ,** [фр. milady < англ. my ман + lady бону, хонум]. Тарзи муроҷиат ба ашрофзани шавҳардор дар Англия.

**МИЛИАРӢ,** [< лот. miliarius арзанӣ]. *тиб.* Б е м о р и и   м и л и а р ӣ – беморие, ки ҳангоми он дар узвҳо захмчаҳои сершумори арзаншакл пайдо мешаванд, мас., сили М.

**МИЛИСА́,** [лот. militia лашкар хизмати ҳарбӣ]. Ниг. *милитсия.*

**МИЛИТАРИЗА́ТСИЯ (МИЛИТАРИЗА́ЦИЯ),** [< лот. militaris ҳарбӣ]. Ба мақсадҳои ҷанг тобеъ кунондани ҳаёти иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҷамъиятии мамлакат.

**МИЛИТАРИ́ЗМ,** [< лот. militaris ҳарбӣ]. Сиёсати мусаллаҳшавӣ ва омодагирӣ ба ҷанг.

**МИЛИТСИОНЕ́Р (МИЛИЦИОНЕ́Р),** [< *милитсия*]. Дар баъзе мамлакатҳо – хизматчии вазорати корҳои дохилӣ; корманди *милитсия.* || Мқс. жандарм, полисмен.

**МИЛИ́ТСИЯ (МИЛИ́ЦИЯ),** [лот. militia лашкар хизмати ҳарбӣ]. **1**. Дар баъзе мамлакатҳо – мақоми ҳифзи ҳуқуқ, қисми таркибии вазорати корҳои дохилӣ, ки барои нигоҳ доштани тартиботи ҷамъиятӣ, мубориза бо ҷинояткорӣ, муҳофизати ҳаёт ва молу мулки шаҳрвандон хизмат мекунад. || Мқс. жандармерия, политсия. **2**. Номи лашкари халқӣ дар баъзе мамлакатҳо.

**МИЛЛЕНАРИ́ЗМ,** [< лот. mille ҳазор + annus сол]. Ниг. *хилизм.*

**МИЛЛЕ́НИУМ,** [< лот. mille ҳазор]. Ҳазорсола.

**МИЛЛЕРИ́Т,** [англ. millerite]. *маъд.* Минерал, сулфиди никел, ки дар таркибаш оҳан, кобалт ва мис дорад; аз М. никел ҳосил мекунанд.

**МИЛЛИ...,** [< лот. mille ҳазор]. Қисми аввали номи воҳидҳои бузургиҳои физикӣ – аз ҳазор як ҳиссаи воҳиди дар қисми дуюми калима зикршуда, мас., миллиметр, миллиграмм.

**МИЛЛИАМПЕ́Р,** [< *милли…* + *ампер*]. Аз ҳазор як ҳиссаи *ампер.*

**МИЛЛИА́РД,** [фр. milliard < лот. mille ҳазор]. Ҳазор миллион (1000 000 000).

**МИЛЛИАРДЕ́Р,** [фр. milliardaire]. Пулдори калон, ки сарваташ ба ҳисоби ин ё он воҳиди пул миллиардҳо арзиш дорад. || Мқс. миллионер.

**МИЛЛИА́РИЙ,** [лот. milliarium]. *таър.* **1**. Мили римӣ; воҳиди дарозӣ дар Рими Қадим, ки ба 2000 қадам (тақр. ба 1,5 км) баробар буд. **2**. Сутунҳои сангини канори роҳ дар Рими қадим, ки масофаи байни онҳо 1 мили римӣ (2000 қадам) буд.

**МИЛЛИБА́Р,** [< *милли…* + *бар*]. Воҳиди фишор, ки ба 0,001 *бар* баробар аст.

**МИЛЛИГРА́ММ,** [< *милли…* + *грамм*]. Воҳиди вазн, ки ба 0,001 *грамм* баробар аст.

**МИЛЛИЛИ́ТР,** [< *милли…* + *литр*]. Воҳиди ҳаҷми моеъ, ки ба 0,001 *литр* баробар аст.

**МИЛЛИМЕ́ТР,** [< *милли…* + *метр*]. Воҳиди дарозӣ, ки ба 0,001 *метр* баробар аст.

**МИЛЛИМИКРО́Н,** [< *милли…* + *микрон*]. *куҳна*. Воҳиди дарозӣ, ки ба 0,001 *микрон* баробар аст; ҳоло *нанометр* меноманд.

**МИЛЛИО́Н,** [фр. million < лот. mille ҳазор]. Ҳазор ҳазор (1000 000).

**МИЛЛИОНЕ́Р,** [фр. millionnaire]. Пулдори калон, ки сарваташ ба ҳисоби ин ё он воҳиди пул миллионҳо арзиш дорад. || Мқс. миллиардер.

**МИЛЛЙЕ́М (МИЛЛЬЕ́М),** [фр. millieme]. Пули майдаи Ливия, Тунис, Миср ва Судон.

**МИЛО́РД,** [< англ. my ман + lord ҷаноб, хӯҷаин]. Унвони ашроф (мас, *лорд, судя, епископ ва* м. инҳо) дар Англия, инчунин калимаи мурочиат ба онҳо.

**МИ́ЛЯ,** [англ. mile]. Воҳиди масофа, ки бештар дар баҳрнавардӣ истифода мешавад; 1 М.-и баҳрии байналхалқӣ = 1,852 км; 1 М.-и баҳрии британӣ = 1,853 км; дар Россияи подшоҳӣ ба 7,468 км баробар буд.

**МИМ,** [< юн. mimos тақлид]. **1**. *таър., санъ*. Мазҳакаи ҳаҷман хурд дар театри аҳди атиқа. **2**. *санъ*. Актёре, ки бе сухан, танҳо бо ҳаракати бадан ва қиёфа бозӣ мекунад. || Мқс. мимист, пантомим.

**МИМА́НС,** [< юн. mimos тақлид + *ансамбл*]. Гурӯҳи артистоне, ки дар саҳнаҳои оммавии (серодами) намоишҳои опера ва балет бозӣ мекунанд.

**МИМЕО́ГРАФ,** [< юн. mimos тақлид + *…граф*]. Номи пештараи *ротатор*.

**МИМЕТИ́ЗМ,** [< юн. mimos тақлид + пасв. -изм]. *биол*. Яке аз намудҳои *мимикрия*; монандии зоҳирии ҳайвони (растании) хӯрданбоб бо ҳайвони (растании) намуди дигар, ки заҳрнок аст, мас., монандии фохтак бо пайғу.

**МИ́МИКА,** [< юн. mimikos тақлидӣ]. **1**. Ҳаракати мушакҳои рӯй, ки ҳиссиёт ва ҳолати рӯҳиро ифода мекунад. **2**. Қиёфабозӣ; ҳунари ифода кардани ҳиссиёт, фикр ва мақсади худ ба воситаи имову ишора ва ҳаракати мушакҳои рӯй.

**МИМИКРИ́Я,** [< юн. mimikos тақлидӣ]. **1**. *биол*. Бо чизҳои атроф ҳамранг ва ҳамшакл шудани баъзе ҳайвонот (растаниҳо) ҳамчун воситаи муҳофизати худ. **2**. *маҷ*. Замонасозӣ, мунофиқӣ.

**МИМИ́СТ,** [< *мимика*]. Қиёфабоз; актёре, ки бо *мимика* моҳирона бозӣ мекунад.

**МИМО́ЗА,** [< юн. mimos тақлид; айнан – зоҳири худро дигаркунанда]. **1**. *бот*. Нозгул; растании майдагули ҷанубӣ аз оилаи лӯбиёгиҳо; ҳангоми даст расондан гули худро ғунча мекунад ё барги гулашро мепартояд. **2**. *маҷ*. Одами зудранҷ, нозук.

**МИНА[1],** [фр. mime]. *ҳарб*. **1**. Снаряди махсуси тарканда, ки одатан дар зери замин ё дар зери об гузошта мешавад. **2**. Тири *миномёт*.

**МИНА[2],** [фр. mime]. Ба воситаи қиёфа ифода кардани ҳиссиёти гуногун, мас., шодӣ, алам, ғазаб ва ғ. || Мқс. гримаса, мимика.

**МИНА[3],** [лот. mima]. *таър*. Воҳиди вазн ва пул дар Бобулистон, Юнон ва диг. мамлакатҳои замони қадим; 1мина чун воҳиди вазн ба 436, 6 г ё ба 1/60 *талант*, чун воҳиди пул ба 100 *драхма* (дирҳам) ё ба 1/60 *талант* баробар буд.

**МИНЁ́Р,** [< *мина* [1]]. Мутахассиси минагузорӣ ва безараргардонии мина.

**МИНЕРА́Л,** [фр. mimeral < лот. mimera маъдан]. Маъдан; пайвасти химиявии табиие, ки аз ҷиҳати хусусиятҳои физикӣ ва таркиби химиявӣ тақрибан якхела буда, дар натиҷаи равандҳои *геохимиявии* қишри Замин ба вуҷуд меояд; М.-ҳо дар соҳаҳои гуногун: истеҳсоли металл, сохтмон, кишоварзӣ, заргарӣ, кулолгарӣ, тиб ва ғ. истифода мешаванд.

**МИНЕРАЛО́ГИЯ,** [< *минерал* + *…логия*]. Маъданшиносӣ; минералшиносӣ; соҳаи *геология*, ки таркиб, сохт ва хусусиятҳои химиявию физикии минералҳоро меомӯзад.

**МИНЕ́РВА,** [лот. Mimerva]. Дар асотири Юнони Қадим – олиҳаи ақлу хирад, ҳомии илм, санъат ва ҳунар; дар асотири римиёни қадим *Афина* ном дорад.

**МИ́НИ,** [англ. mini < лот. minimus хурдтарин, камтарин, кӯтоҳтарин]. Хеле кӯтоҳ (одатан дар бораи либос); баръакси *макси*.

**МИНИ-…, МИНИ…** [англ. mini < лот. minimus хурдтарин, камтарин, кӯтоҳтарин]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки хеле хурд ё кӯтоҳ будани чизҳои дар қисми дуюми калима зикршударо ифода мекунад, мас., мини-трактор, мини-футбол, мини-юбка; баръакси *макси…*).

**МИНИАТЮ́РА,** [ит, фр. miniature]. **1**. Дар асрҳои миёна – расми нафисе, ки бо он китобҳои дастнависро оро медоданд. **2**. Асари хурди адабӣ, саҳнавӣ ё мусиқӣ, мас., ҳикояча, *водевил, интермедия, реприза*, ширинкорӣ ва ғ. **3**. *маҷ*. Ҳар чизи ҳаҷмаш аз ҳаҷми муқаррарӣ хурд.

**МИНИМАЛИ́ЗМ,** [< лот. minimus хурдтарин, камтарин, кӯтоҳтарин]. Кӯшиши бо сарфи камтарини вақт, маблағ ва ғ. ба даст овардани мақсадҳои худ.

**МИНИМАЛӢ,** [< лот. minimus хурдтарин, камтарин, кӯтоҳтарин]. Камтарин, хурдтарин, кӯтоҳтарин, ҳадди ақал; баръакси *максималӣ*.

**МИНИМЕ́ТР,** [< лот. minimus хурдтарин, камтарин, кӯтоҳтарин + *…метр*]. Асбоби фишангу ақрабакдор барои аниқ чен кардани мил ё дарозии маснуот.

**МИНИМИЗА́ТСИЯ (МИНИМИЗА́ЦИЯ),** [< лот. minimus хурдтарин, камтарин, кӯтоҳтарин]. Ба *минимум* (ҳадди ақал) расондан; кам (хурд, кӯтоҳ) кардан.

**МИ́НИМУМ,** [< лот. minimum хурдтарин, камтарин, кӯтоҳтарин]. **1**. Андоза (арзиш, бузургӣ, қимат, миқдор, муҳлат)-и камтарин; баръакси *максимум*. **2**. Ақаллан, камаш, ҳеҷ набошад, ҳадди ақал, мас., М. як соат – камаш як соат. **3**. *мат*. Қимати камтарини *функсия*. **4**. Маҷмуи донишҳо, фанҳои дарсӣ, ки барои мутахассис ҳатмӣ мебошанд, инчунин имтиҳон аз ин фанҳо.

**МИНИСТЕРИА́Л,** [лот. ministerialis]. *таър*. Дар Аврупои Ғарбии асрҳои миёна – хизматгори шоҳ ё *феодал*, ки корҳои хоҷагию маъмурӣ ё ҳарбиро иҷро мекард.

**МИНИТМЕ́Н,** [англ. minute-man < minute кӯтоҳ + man одам]. *таър*. Аскари лашкари халқӣ (*милитсия*) дар ҷанги Амрикои Шимолӣ бо Англия барои истиқлолият (1775 – 1783).

**МИ́НИ-ФУТБО́Л,** [< *мини*... + *футбол*]. *варз*. Футболи хурд; бозии варзишӣ аз рӯи қоидаҳои футболи аврупоӣ (*сокер*), ки дар он ду дастаи ҳар кадомаш 5-нафарӣ дар майдони ду маротиба хурдтар қувваозмоӣ мекунанд.

**МИНИХО́СТ,** [< *мини*... + англ. host соҳиб, хӯҷаин]. *инф*. Компютери нисбатан камиқтидоре, ки дар шабакаи маҳдуди иборат аз якчанд истифодабаранда чун *сервер* (соҳиби *сайт*) хизмат мекунад.

**МИНЙО́Н (МИНЬО́Н),** [< фр. mignon ниҳоят хурд]. **1**. Рақси ҷуфти русӣ, ки ба *валс* монанд аст. **2**. Навъи ҳарфи матбаа, ки андозааш (*кеглаш*) ба 7 *пункт* (2,53 мм) баробар аст.

**МИННЕЗИ́НГЕР,** [< ол. Minnesinger сарояндаи ишқ]. *таър*. Дар Олмони асрҳои 12 - 13 – ҳофиз ва шоири дарбор, ки шуҷоату қаҳрамонии баҳодурон (*ритсарҳо*) ва муҳаббату садоқати онҳоро ба маҳбубаҳояшон васф менамуд. || Мқс. бард, вагант, трубадур.

**МИНО́ГА,** [пол. minoga]. *зоол*. Ҳайвони муҳрадори обӣ аз синфи даҳонгирдҳо (зиёда аз 30 намуд); баданаш ба бадани моҳӣ монанд аст, дарозиаш то 1 м; аксари намудҳои он хӯрданбобанд.

**МИНОМЁ́Т,** [< *мина* + рус. метать паррондан, ҳаво додан]. *ҳарб*. Тӯпи минаандоз.

**МИНО́Р,** [ит. minore < лот. minor хурд]. **1**. *мус*. Пардаи мусиқӣ, ки аз се овози муштараки ғамангез иборат аст; баръакси *мажор*. **2**. *маҷ*. Афсурдаҳолӣ, ғамгинӣ, рӯҳафтодагӣ.

**МИНОРА́Т,** [< лот. minor хурд]. **1**. Тартиби тақсими мерос дар асрҳои миёна, ки мувофиқи он мерос ба фарзанди хурди шахси фавтида мегузарад; баръакси *майорат*. **2**. Мулки бо чунин тартиб меросишуда.

**МИНОРИ́Т,** [< лот. minor хурд]. Узви *ордени* роҳибии *франсисканҳо*.

**МИ́НОС,** [юн. Minos]. Дар асотири Юнони Қадим – писари Зевс, шоҳи ҷазираи Крит, ки баъди маргаш дар *аид* (олами арвоҳ) яке аз доварони рӯҳи мурдагон гардид.

**МИНОТА́ВР,** [юн. Minotauros]. Дар асотири Юнони Қадим – деви говсару одамбадан, ки Минос дар лабиринт нигоҳ медошт; хӯрокаш ҷинояткорон ва писарону духтароне буд, ки афиниён маҷбур буданд ба вай пешкаш намоянд; аз тарафи шоҳзодаи Афина Тесей кушта шуд. || Мқс. Кентавр.

**МИ́НУС,** [< лот. minus кам]. **1**. *мат.* Аломати тарҳ ё бузургии манфӣ (–); баръакси *плюс*. **2**. Дар бораи обу ҳаво – аз сифр поён, хунук; баръакси *плюс*. **3**. *маҷ.* Камбудӣ, норасоӣ, нуқсон, зиён, ҷиҳати манфӣ; баръакси *плюс*.

**МИНУ́СКУЛАҲО,** [< лот. minuscula ниҳоят хурд]. Ҳарфҳои хурд, ки аксари дастхатҳои қадимии лотинӣ ва юнонӣ бо онҳо навишта шудаанд; баръакси *маюскулаҳо*.

**МИО...,** [< юн. myo мушак]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки ба мушакҳо робита доштани қисми дуюми калимаро ифода мекунад, мас., *миокард*.

**МИОБЛА́СТҲО,** [< *мио...* + юн. blaste ҷанин]. *анат.* Ҳуҷайраҳои ҷавони мушаки одам ва ҳайвон, ки аз онҳо дар давраи инкишофи ҷанин наххҳои кундалангу рах-рахи мушак пайдо мешаванд.

**МИОГЛОБИ́Н,** [< *мио...* + *(гемо)глобин*]. *биол.* Сафедаи мураккаби мушакҳо, ки таркибаш ба таркиби *гемоглобини* хун монанд аст.

**МИО́ГРАФ,** [< *мио...* + *...граф*]. *тиб.* Асбоб барои сабти кашишхӯрии мушакҳо.

**МИОГРА́ФИЯ,** [< *мио...* + *...графия*]. *тиб.* Сабти графикии кашишхӯрии мушакҳо бо ёрии *миограф*.

**МИО́З,** [< юн. myo мушак]. *тиб.* Тангшави мардумаки чашм.

**МИОЗИ́Н,** [< *мио...* + -in қисми охири номи баъзе моддаҳо]. *биол.* Сафедаи наххҳои мушак, ки бо ҳамроҳии сафедаи дигар – актин сафедаи кашишовар – актимиозинро ҳосил мекунад.

**МИОЗИ́Т,** [< юн. myo мушак]. *тиб.* Газаки мушакҳои *скелет*. || Мқс. миалгия, навралгия, неврит.

**МИОКА́РД,** [< *мио...* + kardia дил]. *анат.* Мушаки дил; пардаи мушакии девори дил. || Мқс. перикард, эндокард.

**МИОКАРДИОДИСТРОФИ́Я,** [< *мио...* + kardia дил + *дистрофия*]. *тиб.* Бадшавии фаъолияти ғизогирии (*дистрофияи*) мушаки дил (*миокард*).

**МИОКАРДИ́Т,** [< *миокард*]. *тиб.* Варами мушаки дил, ки бо тез-тез задани дил, дарди дил, нафастангӣ зоҳир мегардад. || Мқс. кардиосклероз, перикардит.

**МИОЛОГИЯ,** [< *мио...* + *...логия*]. Мушакшиносӣ; фасли *анатомия* дар бораи мушакҳо.

**МИО́МА,** [< *мио...* + *...ома*]. *тиб.* Омоси безарари бофтаи мушак. || Мқс. аденома, бластома, миелома.

**МИОНЕ́МА,** [< *мио…* + юн. nema нах]. *биол.* Нахи *ситоплазмаи* баъзе ҷонварони якҳуҷайра, ки қобилияти кашишхӯрӣ дорад.

**МИОПА́ТИЯ,** [< *мио…* + *… патия*]. *тиб.* Бемории ирсии мушакҳо, ки дар натиҷаи вайроншавии мубодилаи моддаҳо дар бофтаҳои мушак пайдо мешавад.

**МИОПИ́Я,** [юн. myops наздикбин]. *тиб.* Наздикбинӣ, ҳасар; як навъ бемории чашм, ки ҳангоми он шахс ашёи наздикро хуб ва ашёи дурро хира мебинад.

**МИОТСЕ́Н (МИОЦЕ́Н),** [< *мио…* + юн. kainos нав]. *геол.* Нимаи аввал ва нисбатан дарозмуддати давраи *ниоген.*

**МИРАБЕ́Л (МИРАБЕ́ЛЬ),** [< фр. mirabelle]. Навъи олуи зард, ки ватанаш Фаронса аст.

**МИРАБИЛИ́Т,** [< лот. mirabilis аҷоиб]. *маъд.* Минерале аз синфи сулфатҳо, ки дар саноати бофандагӣ, тиб, инчунин дар истеҳоли шиша, собун, ишқори натрий, сода ва ғ. истифода мешавад.

**МИРА́Ж**, [< фр. mirage]. **1**. Сароб; фиреби назар; як навъ ҳодисаи оптикӣ – дар пеши назар намудор шудани акси қалбакии ҳар гуна чизҳо, ки гӯё дар паси уфуқ воқеъ шудаанд (мас., иморатҳо, дарахтон, об ва ғ.). **2**. *маҷ.* Чизи хаёлӣ, пуч, шубҳанок, фиребо.

**МИРА́КЛ (МИРА́КЛЬ),** [< лот. miraculum муъҷиза]. Тасаввуроти динию хурофотии асримиёнагӣ дар бораи каромоту муъҷизаҳое, ки гӯё аз авлиёю анбиё содир мешудаанд.

**МИРИА́ДҲО,** [< юн. myrias даҳ ҳазор]. Лак-лак; лак андар лак; бешумор, беҳадду ҳисоб**.**

**МИРИАМЕТРӢ,** [< юн. myrias бешумор + *…метр*]. *физ.* Мавҷҳои мириаметрӣ – мавҷҳои радио, ки дарозиашон аз 10 то 100 км аст.

**МИ́РО,** [< юн. myron мушк]. Ҳанут; равғани хушбӯе, ки дар оинҳои насронӣ истифода мешавад.

**МИ́РРА,** [< юн. myron мушк]. Ҳанут; шилми хушбӯи баъзе дарахтони африқоӣ ва арабӣ, ки мисриёни қадим ҳангоми иҷрои оинҳои диниашон дуд мекарданд; ҳоло дар тиб ва саноати атторӣ истифода мешавад. || Мқс. миро.

**МИРТ,** [юн. mirtos]. Дарахти ҳамешасабзи ҷанубие, ки гулҳои сафеди хушбӯй дорад.

**МИСС,** [англ. miss]. **1**. Дар мамлакатҳои англисизабон – унвони эҳтиромӣ, ки вақти мурочиат ба духтар ё зани бешавҳар гуфта мешавад; хонумдухтар; бонудухтар. || Мқс. донна, доня, мадам, миссис, синйора. **2**. Маликаи ҳусн; духтаре, ки дар озмуни соҳибҷамолон ғолиб омадааст.

**МИССА́Л,** [лот. Missale]. Китоби динии насрониён, ки дар он қоидаҳои намозгузории бомдодӣ ва нисфирӯзӣ (*месса*) дарҷ ёфтаанд.

**МИССИОНЕ́Р,** [фр. missionnaire < лот. missio марсула, супориш]. Мубаллиғ; таблиғгари дине дар байни пайравони дини дигар.

**МИ́ССИС,** [англ. missis]. Дар мамлакатҳои англисизабон – унвони эҳтиромӣ, ки вақти муроҷиат ба зани шавҳардор гуфта мешавад; хонум; бону. || Мқс. донна, доня, мадам, мисс, синйора.

**МИ́ССИЯ**, [фр. mission < лот.mittere фиристодан]. **1**. Супориши махсус, масъулиятнок. **2**. Рисолат, вазифа. **3**. Намояндагони давлат, ки ба давлати дигар бо супориши махсус фиристода шудаанд, мас., М.-и ҳарбӣ. **4**. Намояндагии доимии дипломатии як давлат дар давлати дигар ё дар ташкилоти байналмилалӣ, мас., дар СММ. **5**. Ташкилоти мубаллиғон.

**МИСТАГО́Г,** [англ. mistagogos]. Дар Юнони Қадим – коҳине, ки ба *мистерия* (маънои 1) роҳбарӣ мекард**.**

**МИ́СТЕР,** [англ. mister]. Тарзи муроҷиат ба мард дар мамлакатҳои англисизабон; ҷаноб. || Мқс. дон, милорд, синйор, сэр.

**МИСТЕ́РИЯ,** [< юн. mysterion сир]. **1**. Дар Юнони Қадим, Рими Қадим ва баъзе мамлакатҳои Шарқи Қадим – оини диние, ки пинҳонӣ гузаронда мешуд ва дар он танҳо рӯҳониёни унвондор иштирок мекарданд. **2**. Драмаи манзуми асримиёнагӣ дар мавзуъҳои динӣ.

**МИ́СТИК**, [< *мистика*]. Шахсе, ки ба қувваҳои фавқуттабиа ва муъҷизаву каромот бовар дорад; хурофотпараст; пайрави *мистика* (маънои 1).

**МИ́СТИКА**, [< юн. mystikos пурасрор]. **1**. Эътиқод ба қувваҳои фавқуттабиа, ба муоширати одам бо арвоҳ. **2**. Тасаввуф, ирфон; ҷараёни динию фалсафие, ки ба воситаи кашфу шуҳуд ва зуҳду тақво (бе иштироки ақлу идрок) ба ҳақиқат (моҳияти Худо) сарфаҳм рафтанро тарғиб мекунад. **3**. *маҷ*. Ҳар чизи сеҳрнок, пурасрор, ақлнорас.

**МИСТИСИ́ЗМ (МИСТИЦИ́ЗМ),** [< юн. mystikos пурасрор]. Ҷаҳонбинии динию хурофие, ки ба *мистика* асос меёбад; ниг. мистика (маънои 2).

**МИСТИФИКА́ТОР,** [< *мистификатсия*]. **1**. Шуъбадабоз. || Мқс. иллюзионист. **2**. *маҷ*. Фиребгар, қаллоб.

**МИСТИФИКА́ТСИЯ (МИСТИФИКА́ЦИЯ),** [< юн. mystes донандаи асрор + *фикатсия*]. Фиребгарӣ, қаллобӣ; фиреб додан бо мақсади шӯхӣ ё бо мақсади дигаре.

**МИСТРА́Л (МИСТРА́ЛЬ),** [фр. mistral]. Шамоли сахту сарди шимолӣ.

**МИ́СТРИС,** [англ. mistress]. Ниг. *миссис*.

**МИТЕ́НКА,** [фр. mitaines]. Нимдастпӯшак (дастпӯшаки беангушт)-и занона.

**МИ́ТИНГ**, [англ. meeting < to meet ҷамъ шудан]. Гирдиҳамоӣ; ҳамоиш; ҷамъомади оммавӣ барои муҳокима ва ҳалли ягон масъалаи муҳим, дастгирии ягон талаб, изҳори ҳамфикрӣ ё эътироз.

**МИТОГЕНЕТИКӢ**, [< митоз + genetikos таваллуд]. *биол.* Нурҳои митогенетикӣ – нурҳои ултрабунафше, ки бофтаҳои зинда ҳангоми *реаксия* бо *ферментҳо* мефишонанд; нурҳои М. ба *митоз* мусоидат намуда, ба равандҳои дигари биохимиявӣ, мас., ба синтези сафедаҳо, таъсир мерасонанд.

**МИТО́З,** [< юн. mitos ришта]. *биол.* Тақсимшавии ғайримустақими ҳуҷайра, ки ҳангоми он дигаргуншавии мураккаби ҷузъҳои ядрои ҳуҷайра – хромосомаҳо ба вуҷуд меояд; аз чор давра иборат аст: *анафаза, метафаза, профаза, телофаза.*

**МИТОХО́НДРИЯҲО**, [< юн. mitos ришта + chondrios дона]. *биол.* Органоидҳои доначашакл, чӯбчашакл ё ришташакли ҳуҷайраи наботот ва ҳайвонот, ки нафаскашии ҳуҷайра ва биосинтези сафедаро таъмин мекунанд. || Мқс. пластидҳо.

**МИ́ТРА**, [юн. mitra]. Митрона; кулоҳи дарозрӯяи рӯҳониёни олимартабаи православӣ ва католикӣ.

**МИТРАЛЙЕ́ЗА (МИТРАЛЬЕ́ЗА),** [фр. mitrailleuse]. Милтиқи қадимии бисёрмилаи сочматир.

**МИТРОПОЛИ́Т,** [< юн. mitropolis асосгузор]. Унвони рӯҳониёни олимартабаи православӣ ва католикӣ (*епископҳо*). || Мқс. архиепископ.

**МИТСЕ́ЛИЙ (МИЦЕ́ЛИЙ),** [< юн. mykes занбӯруғ]. *бот.* Танаи занбӯруғ, ки аз риштаҳои якҳуҷайрагӣ ва серҳуҷайрагӣ иборат аст.

**МИ́ТТЕЛ (МИ́ТТЕЛЬ),** [< ол. mittel миёна]. Ҳуруфи матбаа, ки андоза (*кегл*)-аш ба 14 *пункт* (5,1 мм) баробар аст.

**МИ́ТТЕЛШПИЛ (МИ́ТТЕЛЬШПИЛЬ),** [< ол. Mittelspiel]. Дар бозии шоҳмот ва шашка – мобайни бозӣ (байни *дебют* ва *эндшпил*).

**МИФ,** [< юн. mythos афсона, ривоят]. **1**. Устура; ривояти халқии қадимӣ дар бораи қаҳрамонҳои машҳур, девҳо, худоҳо, пайғамбарон, подшоҳон, ҳодисаҳои табиӣ ва ғ. **2**. *маҷ.* Гапи дурӯғ, бофта, беасос. || Мқс. фантазия.

**МИФОЛО́ГИЯ,** [< юн. mythos афсона, ривоят + *логия*]. **1**. Маҷмуи асотири давраҳо ва халқҳои гуногун. **2**. Устурашиносӣ; асотиршиносӣ; илме, ки асотири давраҳо ва халқҳои гуногунро меомӯзад.

**МИ́ЧМАН,** [англ. midshipman]. **1**. Рутба (унвон)-и ҳарбӣ дар қувваҳои ҳарбии баҳрии як қатор мамлакатҳо. || Мқс. старшина. **2**. Унвони талабагони коллеҷҳои ҳарбии баҳрии Англия ва академияи ҳарбии баҳрии ИМА.

**МНЕМО́НИКА,** [< юн. mnemonikos қавиҳофиза]. Санъати ба хотир гирифтани миқдори зиёди маълумот, далелу рақамҳо ва ғ.

**МНЕМОТЕ́ХНИКА,** [< юн. mnema ҳофиза, хотира + techne санъат, усул]. **1**. Ниг. *мнемоника*. **2**. Дар сирк ё эстрада – аз масофаи дур хондани фикр, гуфтани ному насаби одамон, соли таваллуди онҳо, номи ашёи дар киса ё сумкаашон мавҷудбуда ва ғ.; одатан ду артист бо ёрии рамзҳои махсус тайёр кардашуда иҷро мекунанд.

**МО́А**, [заб. австралиягиёни таҳҷоӣ]. Номи австралиягии *динорнис* (ниг. динорнис).

**МОБ**, [англ. mob]. Ниг. *флешмоб.*

**МО́ББИНГ**, [англ. mobbing]. Мунтазам зоҳир намудани кинаю адоват, ҳисси бадбинӣ, фишори рӯҳӣ, табъизи ҳуқуқ нисбати яке аз аъзои ҷомеа (мас., дар ҷои кор, таҳсил, истиқомат).

**МОБИЛИЗА́ТСИЯ (МОБИЛИЗА́ЦИЯ),** [фр. mobilisation < лот. mobilis серҳаракат, ҳаракаткунанда]. **1**. Сафарбарӣ; сафарбарсозӣ; ба армия даъват кардани хизматчиёни ҳарбии эҳтиётӣ дар вақти ҷанг; баръакси *демобилизатсия*. **2**. Аз ҳолати осоишта ба омодабошии пурраи ҷангӣ гузарондани қувваҳои мусаллаҳ. **3**. Ба иҷрои коре сафарбар кардани қувва, захираҳои моддию молиявӣ, воситаҳои техникӣ ва ғ.

**МОБИЛИ́ЗМ**, [< лот. mobilis серҳаракат, ҳаракаткунанда]. *геол.* Фарзия дар бораи ҷойивазкунии уфуқии микёсан калони (то ҳазорҳо км) қабатҳои бузурги *литосферӣ.*

**МОБИЛӢ,** [< лот. mobilis серҳаракат, ҳаракаткунанда]. **1**. Зудамал; тезҳаракат; зуд аз як ҷой ба ҷои дигар раванда, мас., дастаи М.-и (зудамали) милиса. **2**. Т е л е ф о н и М . – телефони дастӣ (кисагӣ, ҳамроҳ).

**МОГИКА́НҲО,** [ҳинд. Ам.]. **1**. Қабилаҳои ҳиндуёни Амрикои Шимолӣ, ки дар соҳилҳои дарёи Гудзон мезистанд. **2**. Намояндагони охирини ягон чиз, мас., халқ, авлод, қабила, гурӯҳ, оила ва ғ. (калимаи мазкур баъди аз чоп баромадани романи Фенимор Купер «Охирин аз могиканҳо» мустаъмал гардид).

**МО́ГУЛ**, [англ. mogul]. *варз.* Дар лижатозӣ – бо суръати тез фуромадан аз баландиҳои пурпечутоб ва ноҳамвор; яке аз намудҳои *фристайл* (ниг. фристайл).

**МО́ДА**, [фр. mode < лот. modus тарз, усул, қоида]. **1**. Мӯд; маҷмуи расму одат ва завқ, ки дар замони муайян дар байни гурӯҳи муайяни ҷомеа муравваҷ аст, инчунин намунаҳои либос ва ашёи дигаре, ки ба чунин завқ ҷавобгӯ мебошанд. **2**. *физ*. Дар назарияи лаппиш – лаппиши худи ҷисм ё системаи физикӣ.

**МОДАЛИЯ́Т,** [< лот. modus тарз, усул, қоида + пасв. -ият]. *збш.* Категорияи грамматикие, ки муносибати гӯяндаро ба мазмуни фикри гуфташуда, муносибати мундариҷаи фикри гуфташударо ба воқеият тавассути сиға, оҳанг, ибораҳои туфайлӣ ва ғ. ифода мекунад.

**МО́ДДИНГ**, [англ. modding]. *инф.* Такмил додани намуди зоҳирӣ ва имкониятҳои кории компютер ё диг. олоти электронӣ дар шароити хона ё дар *студияҳои* махсус.

**МОДЕ́Л (МОДЕ́ЛЬ),** [фр. modele < лот. modulus тарз, усул, намуна]. **1**. Тасвир, нақша, тарҳ, суроби ягон чиз, раванд, ҳодиса. **2**. Амсила; тамсила; шакли хурд ё калон кардашудаи ягон чиз. **3**. Амсила; намуна барои истеҳсоли оммавии ягон маснуот (автомобил, либос, пойафзол ва ғ.). || Мқс. стандарт, эталон. **4**. Тамға, навъи ягон маснуот, мошин, дастгоҳ ва ғ. || Мқс. класс, марка. **5**. Колбад; амсила; намунае, ки аз рӯи он расм мекашанд ё ҳайкал метарошанд, инчунин шахсе, ки рассом аз ӯ нусха мебардорад. **6.** Одаме, ки дар тани худ намунаҳои либосро намоиш медиҳад; *манекенчӣ* низ гӯянд. **7**. Сохт, таркиби ягон чиз, мас., М.-и атом, М.-и забон. **8**. Дар математика ва мантиқ – М.-и системаи аксиомаҳо – ҳама гуна маҷмуи объектҳое, ки хусусиятҳо ва таносуби байни онҳо бо ин аксиомаҳо мувофиқ мебошанд. **8**. Қолаб; М.-и рехтагарӣ – қолаби рехтагарӣ.

**МОДЕЛИ́ЗМ**, [< *модел* + пасв. -изм]. Тайёр ва озмоиш кардани амсилаи воситаҳои нақлиёт ва олоти парвозкунанда (ҳавопаймо, чархбол ва ғ.).

**МОДЕЛИ́СТ**, [рус. < *модел* + пасв. -ист]. Ниг. моделйер.

**МОДЕЛЙЕ́Р (МОДЕЛЬЕ́Р),** [фр. modeleur]. Амсиласоз; тарҳсоз; мутахассис оид ба сохтани амсилаҳо ва нусхаҳои намунавии маснуот, мас. либос.

**МОДЕ́М**, [англ. modem]. *инф*. Ҷиҳози берунӣ ё дохилии компютер, ки барои мубодилаи ахбор бо компютерҳои дигар тавассути хатти (*канали*) алоқа хизмат мекунад.

**МОДЕРА́ТО**, [ит. moderato]. *мус*. Суръати миёна, боэътидоли мусиқӣ (байни *андантино* ва *аллегретто*).

**МОДЕРА́ТОР**, [лот. moderator]. **1**. Тахтачаи рӯяш бо моҳут ё чарм пӯшондашудаи таги *пианино* ё *роял* барои паст кардани ҷарангоси овоз. **2**. *инф*. Истифодабарандаи захираҳои (*ресурсҳои*) ҷамъиятии шабакавӣ (*чатҳо, форумҳо* ва ғ.), ки назар ба маъмур (*администратор*) ҳуқуқҳои маҳдудтар ва назар ба истифодабарандагони одӣ ҳуқуқҳои бештар дорад; аз ҷумла метавонад хабарҳои бегонаро «кӯр», таҳрир ё ихтисор кунад. **3**. Маъмур, ташкилкунанда ё барандаи чорабиниҳо (мас., конференсияҳо, семинарҳо, пурсишҳои анкетӣ ва ғ.).

**МОДЕ́РН,** [фр. moderne навтарин]. **1**. Ҳозиразамон; мӯдшуда. **2**. Равияе дар санъати тасвирӣ, меъморӣ ва ороишии охири асри 19 ва аввали асри 20 дар Аврупо ва Америко, ки худро бо равияҳои санъати давраҳои гузашта муқобил мегузошт; ба М. *индивидуализм*, муҷазӣ ва яклухтии тасвир, бо рангҳои баланд барҷаста нишон додани ҷузъҳои таркибии асар, истифодаи рамзҳо ва воситаҳои нави техникӣ (дар меъморӣ) хос аст.

**МОДЕРНИЗА́ТСИЯ (МОДЕРНИЗА́ЦИЯ)**, [< *модерн*]. Нав кардан, тағйир ва такмил додани чизе, мас., М.-и таҷҳизот.

**МОДЕРНИ́ЗМ**, [< *модерн* + пасв. -изм]. **1**. Номи умумии равияҳои санъат ва адабиёти охири асри 19, ки *эстетика* ва шаклҳои анъанавии тасвирро рад карда,

худро ба *реализм* муқобил мегузошт. || Мқс. авангардизм. **2**. Ба шароити нави мавҷудият мутобиқ шудани дин; ҷадидия.

**МОДЕРНИ́СТ**, [< *модерн*]. Пайрави *модернизм* (маънои 1).

**МО́ДИЙ**, [лот. modius]. Ченаки қадимии ҳаҷми моеъ ва маҳсулоти пошхӯранда, ки дар Рими Қадим ба 9 л ва дар мамлакатҳои араб ба 40 л баробар буд.

**МОДИЛЙО́Н (МОДИЛЬО́Н), МОДУЛЙО́Н (МОДУЛЬО́Н),** [фр. modillion]. *меъм*. *Консоли* S-шакл (ниг. консол), ки нижвон (қоши иморат, *карниз*)-ро дошта меистад.

**МОДИФИКА́ТОР**, [< модификатсия]. *тех*. Асбоб, ҷиҳозе, ки кори мошинро тағйир медиҳад.

**МОДИФИКА́ТСИЯ (МОДИФИКА́ЦИЯ)**, [< лот. modificatio тағйир додан]. **1**. Шакли дигар гирифтан, хусусиятҳои нав пайдо кардани ягон чиз дар ҳолати бетағйир мондани моҳияти аслии он. **2**. *биол*. Тағйирёбии ғайриирсии аломатҳои организми зинда бо таъсири дигаргуншавии шароити муҳити зист; баръакси *мутатсия*. **3**. *физ., хим*. Яке аз ҳолатҳои имконпазири худи ҳамон як модда, мас., ангишт, *графит*, алмос М.-ҳои *карбон* мебошанд. **4**. *тех*. Мошин, механизме, ки бо баъзе хусусиятҳои худ аз ҳамин гуна мошину механизмҳои дигар фарқ мекунад.

**МО́ДУЛ (МО́ДУЛЬ)**, [< лот. modulus андоза]. **1**. *тех*. Номи ин ё он коэффитсиент ё бузургии муҳим, мас. М.-и чандирӣ. **2**. *мат*. М.-и системаи *логарифмҳо* –зарбкунандаи (зориби) доимие, ки логарифмҳои як системаро барои ҳосил намудани логарифмҳои системаи дигар ба он зарб задан лозим аст. **3**. *мат*. Бузургии мутлақ. **4**. *тех*. Қисми нисбатан мустақили олоти радиотехникӣ ё компютерӣ, ки дар олоти мазкур вазифаи муайянеро иҷро мекунад. **5**. *меъм*. Воҳиди шартӣ, одатан андозаи як қисми бино ё иншоот, ки аз рӯи он тамоми андозаи бино ё иншоот ба ҳисоб гирифта мешавад. **6**. *тех*. Қисми таркибии киштии кайҳонӣ, ки мустақилона парвоз карда метавонад. **7**. Модули таълимӣ – бахши нисбатан мустақили маводи таълимӣ, ки мақсаду вазифаҳои таълим, тавсияҳои методӣ, воситаҳои санҷиши донишҳои андӯхташударо дар бар мегирад.

**МОДУЛЯ́ТОР**, [< *модулятсия*]. *физ., тех*. Асбоби барои *модулятсия* (ниг. модулятсия).

**МОДУЛЯ́ТСИЯ (МОДУЛЯ́ЦИЯ),** [< лот. modulatio андозанокӣ]. **1.** Ба маънии васеаш – аз рӯи ин ё он қонун бо мурури замон тағйир ёфтани бузургиҳое, ки ягон раванди якзайл такроршавандаро ифода мекунанд. **2**. *физ., тех*. Тағйир ёфтани ин ё он *параметри* лаппишҳои даврии баландбасомад (электрикӣ ва ғ.) бо таъсири лаппишҳои дигари нисбатан пастбасомад; М.-и лаппиш – тағйирёбии *амплитуда*, басомад, давра ё дигар хусусиятҳои лаппиш аз рӯи ягон қонун; М.-и лаппиш барои интиқоли ахбор бо ёрии лаппишҳои *синусоидалии* баландбасомад истифода мешавад; М.-и рӯшноӣ – тағйир ёфтани (додани) амплитуда, лаппиш, басомад ё *фазаи* лаппишҳои мавҷи рӯшноӣ. **3**. *мус*. Гузаштан аз як лаҳн ба лаҳни дигар ё аз як парда ба пардаи дигар.

**МО́ДУС,** [< лот. modus  андоза]. **1**. Тариқа, усул, тарз, равиш, меъёр. **2**. *фалс*. Хусусияти муваққатӣ ва даргузари ашё, ки ба он дар баъзе ҳолатҳо хос мебошад (баръакси хусусияти доимии ашё – *атрибут*). **3**. Дар илми мантиқ – яке аз намудҳои мулоҳиза ва қиёс (*силлогизм*), ки аз шакл ва шумораи далелу хулосаҳои дигар  вобаста мебошад. **3**. *мус*. Мақом, парда.

**МО́ДУС ВИВЕ́НДИ**, [< лот. modus  vivendi тарзи ҳаёт].  *ҳуқ*. **1**. Созишномаи муваққатӣ оид ба ягон масъалаи байналмилалӣ, ки тарафҳо бо нияти дар оянда пурра ҳал кардани он имзо кардаанд. **2**. Вазъи ҳақиқии муносибатҳо, ки тарафҳои манфиатдор эътироф намудаанд.  || Мқс. статус-кво.

**МОЗАЗА́ВРҲО**, [< лот. Mosa]. *пал*. Оилаи сусморҳои баҳрӣ, ки дарозиашон то 15 м буд; дар охири давраи бӯр зиндагӣ кардаанд.  || Мқс. динозавр, ихтиозавр.

**МОЗАЙ́К**, [< ит. mocaico мозаика]. *биол*. Организми дорои мозаитсизм (ниг. *мозаитсизм*).

**МОЗА́ИКА**, [ит. mocaico]. **1**. Санъати кошикорӣ (кошинкорӣ); бо кошӣ (сангреза, шишапора, мармар, сафолпораҳои ранга ва ғ.) оро додани девор, фарш, мебел ва м. инҳо. **2**. Нақши бо ҳамин усул офаридашуда. **3**. Кошӣ; хиштчаҳои тунуки рангоранги ба тариқи кулолӣ тайёркардашуда, инчунин  сангреза, шишапора, мармар ва ғ., ки барои оро додани девор, фарш, маснуот истифода мешаванд. **4**. *маҷ*. Ашё (ҳодисот)-и гуногун, рангоранг.

**МОЗАИТСИ́ЗМ (МОЗАИЦИ́ЗМ)**, [< ит. mocaico мозаика]. *биол*. Дар бофтаҳои одам ва ҳайвоноту наботот вуҷуд доштани ҳуҷайраҳои сохти ирсиашон гуногун; чунин ҳуҷайраҳо дар натиҷаи аз нав тақсим шудани *генҳо, мутатсия* ё нодуруст ҷойгир шудани *хромосомаҳо* ҳангоми тақсимшавии ҳуҷайраҳо пайдо мешаванд; *химера* низ гӯянд.

**МО́ЙВА**, [фин. maiva]. Як навъ моҳии хурди баҳрӣ.

**МО́ЙРАҲО**, [юн. Moira]. Дар асотири юнониёни қадим – се духтари Зевс ва Фемида, олиҳаҳои сарнавишт; Клото риштаи ҳаёт метанад, Лахесис қисмат тақсим мекунад, Атропос дар соати таъйиншуда, риштаи ҳаётро мебурад; дар асотири римиёни қадим – *паркҳо*.

**МОКАСИ́Н, МОКАСИ́НҲО**, [англ. moccasin < ҳинд. Ам.]. Як навъ пойафзоли нарми ҳиндуёни Амрикои Шимолӣ, ки аз аз як ё се пораи чарм дӯхта шудааст; тагчарми сахт надорад.

**МО́ККО**, [аз номи бандари Мокка дар соҳили Баҳри Аҳмар]. Яке аз навъҳои беҳтарини қаҳва.

**МОЛ¹**, [ит. molo < лот. moles хоктеппа]. Мавҷгардон; девори ғафсу мустаҳками бандар барои муҳофизати киштиҳо аз талотуми мавҷи баҳр.

**МОЛ (МОЛЬ)²,** [< лот. moles масса]. *физ*. Воҳиди миқдори модда дар системаи воҳидҳои СИ.

**МОЛ (МОЛЬ)³,** [< ит. mole нарм]. *мус*. Ниг. *минор*.

**МОЛБЕ́РТ (МОЛЬБЕ́РТ),** [ол. Malbrett]. Сепояи рассомӣ; *этюдник* низ гӯянд.

**МОЛЕ́КУЛА,** [лот. molecula < moles масса + cula пасв. -ча]. Заррачаи хурдтарини модда, ки шомили хосиятҳои химиявии он мебошад; аз *атомҳо* иборат аст.

**МОЛЕКУЛАВӢ**, [< *молекула*]. Мансуб ба молекула; ҳар чизи бо молекула робитадор.

**МОЛЕСКИ́Н,** [англ. moleskin < mole кӯрмуш + skin пӯст]. Матои пахтагини ғафсу бадошт, ки барои дӯхтани либоси корӣ ва варзишӣ, инчунин барои рӯйкаш кардани пойафзол истифода мешавад.

**МОЛИБДЕ́Н**, [< юн. molybdos сурб]. Элементи химиявии гурӯҳи IV системаи даврӣ (Mo); металли хокистарранги душворгудоз, ки дар металлургия, электротехника, ракетасозӣ ва соҳаҳои диг. истифода мешавад.

**МОЛИБДЕНИ́Т**, [< *молибден*]. *маъд*. Сулфиди молибден; минерали нарми нуқратоб, ки аз он молибден ҳосил мекунанд.

**МОЛИХУЛИЁ́**, [< юн. melancholia]. **1**. Ғам, ғусса, андӯҳ, яъс, ҳузн. **2**. *тиб*. Савдоӣ, ғамбеморӣ; бемории рӯҳие, ки бо афсурдадилӣ, рӯҳафтодагӣ, маъюсӣ зоҳир мегардад.

**МОЛИХУЛИЁӢ,** [< *молихулиё*]. **1**. Одами рӯҳафтода, маъюс, дилтанг, афсурдадил. **2**. Гирифтори бемории молихулиё.

**МОЛЛ,** [англ. moll]. Фурӯшгоҳи калоне, ки дар он ғайр аз мағозаҳо инчунин қаҳвахона, ошхона, тарабхона, кинотеатр, майдончаҳои бозии кӯдакон вуҷуд доранд; *мегамолл* низ гӯянд.

**МОЛЛЮ́СК,** [< лот. molluscus нарм]. *зоол*. Нармбадан; ҷонвари бемуҳра ва бескелет, ки баданаш бо садаф пӯшида шудааст (зиёда аз 130 000 намуд).

**МОЛОХ¹,** [юн. Moloch]. **1**. Дар асотири финикиён ва карфагениёни қадим – оини қурбонӣ, ки ҳангоми он тани ҳайвон ё одами қурбонишуда дар оташ сӯзонда мешуд. **2**. Дар Фаластин, Финикия ва Карфагени қадим – худои офтоб ва оташ.

**МОЛОХ²,** [юн. Moloch]. *зоол*. Калтакалоси австралиягӣ аз оилаи агамҳо; дарозиаш то 22 см; дар қисми болои баданаш сихҳои нӯгтез дорад, ки барои муҳофизат аз душман хизмат мекунанд.

**МОМЕ́НТ**, [лот. momentum қувваи ҳаракатдиҳанда, такондиҳанда]. **1**. Лаҳза, дам, муддати кӯтоҳи вақт, замон, давра. **2**. *физ*. Ҳолат, ҷиҳат, тараф; М.-и инерсия – бузургие, ки тақсимоти массаро дар ҷисм муайян мекунад ва дар баробари масса меъёри инертнокии ҷисм (ҳангоми ҳаракати ғайрипешравандаи он) ба шумор меравад; М.-и магнитӣ – бузургие, ки хосиятҳои магнитии ҷисмро тавсиф медиҳад; М.-и қувва – бузургии механикие, ки таъсироти берунаро ба ҷисм ё ба системаи ҷисмҳо тавсиф медиҳад. **3**. *физ*. Дар назарияи эҳтимолият – хосияти тақсимоти қиматҳои бузургии тасодуфӣ.

**МОНА́ДА**, [< юн. monas як]. **1**. Номи рақами як дар Юнони Қадим. **2**. *фалс*. Мафҳуме, ки дар як қатор системаҳои фалсафӣ барои ифодаи унсурҳои муайяни ҳастӣ истифода мешавад; мас., дар фалсафаи Г. Лейбнитс (1646 – 1716) – нахустҷавҳари тақсимнашавандаи рӯҳӣ, ки гӯё асоси оламро ташкил медиҳад.

**МОНАДОЛО́ГИЯ**, [< *монада* + *...логия*]. *фалс*. Равияи фалсафии асри 17 (таълимоти Лейбнитс ва пайравони ӯ), ки *монадаҳоро* нахустҷавҳари тамоми мавҷудот медонист.

**МОНА́НДРИЯ**, [< юн. monos як + aner шавҳар, мард]. *антр., этн.* Якшавҳарӣ; баръакси *полиандрия*. || Мқс. моногамия.

**МОНА́РХ**, [< юн. monos як + archos ҳоким]. Ҳокими мутлақ; сардори яккаҳукмрони давлат, ки ҳокимиятро одатан мерос гирифтааст: подшоҳ, шоҳ, амир, султон, *император* ва ғ.

**МОНАРХИ́ЗМ**, [< *монарх*]. Ҷараёни сиёсие, ки *монархияро* ягона ва беҳтарин шакли ҳокимияти давлатӣ мешуморад.

**МОНА́РХИЯ,** [юн. monarchia]. Яккаҳукмронӣ, яккаҳокимиятӣ, яккасолорӣ; ҳокимияти мутлақа; чунин шакли давлатдорие, ки дар он тамоми ҳокимият дар дасти як нафар – *монарх* (подшоҳ, шоҳ, амир, *император* ва ғ.) аст; чунин ҳокимият одатан якумрӣ ва меросист.

**МОНАСИ́Т (МОНАЦИ́Т),** [< юн. monazo танҳо зиндагӣ мекунам]. *маъд*. Минерал, фосфати беоби элементҳои нодирзамин; дар шакли кристаллҳои зарду сурхи дона-дона ё яклухт дучор мешавад; аз М. асосан *торий* ҳосил мекунанд.

**МОНАСТИ́Р (МОНАСТЫ́РЬ),** [юн. monasterion]. **1**. Ҷамъияти динии роҳибон ва роҳибаҳо, ки дорои оинномаи ягона, ибодатгоҳ ва молу замин мебошад. **2**. Дайр; ҷои иқомат ва ибодати роҳибон (*монахҳо*).

**МОНА́Х**, [< юн. monachos яккаву танҳо, гӯшанишин]. Роҳиб; шахсе, ки тарки лаззатҳои дунёӣ карда, дар дайр порсоёна, парҳезгорона зиндагӣ мекунад.

**МОНГОЛОТЕ́РИЙ**, [< Муғулистон + *...терий*]. Муғулотерий; ҳайвони ширхӯри давраи *палеоген*; устухонҳояш дар Муғулистон ёфт шудаанд ва номаш аз ҳамин ҷост.

**МОНГОЛФЙЕ́Р** (**МОНГОЛЬФЬЕ́Р**), [фр. montgolfiere – аз номи бародарони ихтироъкор Ж. ва Э. Монголфйеҳо]. Кураи бодии бо ҳавои гарм пуркардашуда, ки аввалин маротиба соли 1783 ба ҳаво сар дода буданд. || Мқс. аэростат, дирижабл.

**МОНДИАЛИ́ЗМ**, [фр. mondialisme < mondial ҷаҳонӣ + пасв. -*изм*]. Таълимоти сиёсие, ки мувофиқи он ҳамаи давлатҳо бояд дар як иттиҳоди бузурги ҷаҳонӣ муттаҳид шаванд.

**МОНЕ́Л-МЕТА́ЛЛ (МОНЕ́ЛЬ-МЕТА́ЛЛ),** [англ. Monel + *металл*]. Хӯлаи никел бо мис (27-29%), оҳан (2-3%) ва марганетс (1,2-1,8%); бадошт ва ба коррозия тобовар буда, дар соҳаҳои гуногуни саноат истифода мешавад.

**МОНЕТАРИ́ЗМ**, [< лот. moneta танга, пул + пасв. -*изм*]. *мол., иқт.* Назарияи иқтисодие, ки мувофиқи он ҳаҷми пули гардон (дар муомилот қарордошта) дар сиёсати иқтисодии давлат нақши муҳим мебозад.

**МОНЕТАРӢ**, [< лот. moneta танга, пул]. *мол.* Пулӣ, молиявӣ.

**МОНЖУ́С,** [фр. monte-jus < monter боло рафтан (бардоштан) + jus моеъ, об]. *тех.* Олати обкаш; обро бо роҳи фишор додани он бо ҳавои фишурда ё газ (мас., *азот*) берун мекашад; *монтежю* низ гӯянд.

**МОНИЕЗИО́З**, [< лот. Moniezia]. *байт.* Бемории киччаи ҳайвоноти жованда (бештар барра, бузғола, гӯсола), ки онро тасмакирми ҷинси Moniezia ба вуҷуд меорад.

**МОНИ́ЗМ**, [< юн. monos як, ягона]. *фалс.* Таълимоти фалсафие, ки бар хилофи *дуализм* як мабдаъро асоси тамоми мавҷудот мешуморад: ё материяро (М.-и материалистӣ), ё рӯҳро (М.-и идеалистӣ). || Мқс. дуализм, плюрализм.

**МОНИЛИО́З**, [< лот. Monilia]. *бот.* Меватосак; мевапӯсиш; бемории дарахтони мева бо таъсири занбӯруғҳои ангали Monilia; дар натиҷаи М. меваҳо мепӯсанд ё пажмурда ва хушк мешаванд.

**МОНИПЮ́ТЕР (МОНИПЬЮ́ТЕР)**, [англ. moniputer < moni(tor) монитор + (com)puter компютер]. Компютере, ки қисми (*блоки*) системавии он бо *монитор* дар як корпус (ниг. *корпус* маънои 3) ҷойгир шудаанд.

**МОНИТО́Р**, [< лот., англ. monitor ёдраскунанда, нозир]. **1**. Киштии зиреҳпӯши бо тӯпҳо мусаллаҳи ҳарбӣ барои амалиёти ҷангӣ дар назди соҳили баҳру дарёҳо. **2**. *тех.* Асбоб барои тафтиши сифати аксҳои телевизионӣ. **3**. *инф.* Қисми телевизормонанди компютер – асбоби электронии дорои *дисплей*, ки дар *экрани* он иттилооти дар компютер мавҷудбуда намоён мешавад.

**МОНИТО́РИНГ**, [англ. monitoring]. Зери мушоҳида ва назорати доимӣ гирифтани ин ё он раванд, вазъият, ҳодиса бо мақсади муайян, мас., М.-и ҳамарӯзаи вазъи муҳити зист бо мақсади назорат, пешгӯӣ ва муҳофизати он ё М.-и бозор бо мақсади танзими истеҳсол ва тиҷорати мол.

**МОНО...,** [< юн. monos як, ягона]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки маънои як, ягона, яклухтро ифода мекунад, мас., монолог, моногамия, монография; баръакси *поли…*

**МОНОГА́МИЯ,** [< *моно...* + gamos никоҳ]. *антр., этн.* **1**. Якникоҳӣ (якзанӣ, якшавҳарӣ); ҳамзистии пойдори як мард бо як зан (як зан бо як мард). **2**. *биол.* Дар давоми як ё якчанд мавсим алоқаи ҷинсӣ кардани ҳайвони нарина танҳо бо як ҳайвони модина. || Мқс. полигамия.

**МОНОГЕНИ́ЗМ**, [< *моно...* + genos пайдоиш]. *антр.* Таълимот дар бораи он ки ҳамаи инсонҳо аз як намуди биологӣ (Homo sapiens) пайдо шудаанд, нажодҳо бошанд, шохаҳои як намуданд. || Мқс. полигенизм, ҳомо сапиенс.

**МОНОГИНИ́Я**, [< *моно...* + gyne зан, завҷа]. *антр., этн.* Якзанӣ, якзавҷагӣ. || Мқс. моногамия, полигамия, полигиния.

**МОНОГРА́ММА**, [< *моно...* + gramma ҳарф]. **1**. Туғро; ҳарфҳои аввали ном, насаб ва номи падар дар шакли нақшу нигор; *вензел* низ гӯянд. **2**. Гулхат; аломати шартӣ ё сарҳарфҳои ному насаб, ки рассомон, ҳаккокон, сӯзанидӯзҳо ва м. инҳо дар асарҳои худ ба ҷои имзо истифода мебаранд.

**МОНОГРА́ФИЯ**, [< *моно...* + grapho менависам]. Рисола; асари тадқиқотие, ки ба ягон масъалаи илмӣ бахшида шудааст.

**МОНО́ДИЯ**, [< *моно...* + ode суруд]. *мус.* Яккахонӣ; суруди яковоза,

**МОНОДРА́МА**, [< *моно...* + *драма*]. *санъ.* **1**. Асари драмавие, ки як *актёр* иҷро мекунад. **2**. *Пйесае*, ки дар шакли монолог навишта шудааст.

**МОНО́ЗҲО**, [< юн. monos як, ягона]. Ниг. *моносахаридҳо*.

**МОНОКАРПӢ**, [< *моно...* + karpos мева]. *бот.* Растаниҳои монокарпӣ – растаниҳое, ки дар ҳаёташон ҳамагӣ як маротиба гул карда, мева медиҳанд ва баъди ин хушк мешаванд; баръакси *поликарпӣ*.

**МОНО́КЛ (МОНО́КЛЬ),** [< *моно...* + лот. oculus чашм]. Айнаки якчашма; шишаи оптикии (*линзаи*) чанбаракдор ё бечанбарак, ки ба як чашм ба ҷои айнак гузошта мешавад. || Мқс. пенсне.

**МОНОКРИСТА́ЛЛ,** [< *моно...* + *кристалл*]. *Кристалли* алоҳидаи дорои панҷараи яклухти кристаллӣ.

**МОНОКУЛТУ́РА (МОНОКУЛЬТУ́РА),** [< *моно...* + лот. cultura парвариш]. **1**. *кшв.* Якказироат; якказироатӣ; дар як маҳал ё дар як қитъаи замин чанд сол паси ҳам парвариш кардани як зироат. **2**. *мкб.* Микробе, ки дар озмоишгоҳ (*лаборатория*) ё бо роҳи саноатӣ ҳосил карда шудааст.

**МОНОКУЛЯ́Р**, [< *моно...* + лот. oculus чашм]. Дурбини якчашма.

**МОНОЛИ́Т**, [< *моно...* + lithos санг]. **1**. Санги калони яклухт, инчунин муҷассама ё ҳайкале, ки аз ҳамин гуна санг тарошида шудааст. **2**. *маҷ.* Муттаҳид, ягона, яклухт.

**МОНОЛО́Г**, [< *моно...* + logos сухан]. Гуфтугӯ бо худ; дар театр – бо тамошобинон; баръакси *диалог* (муколама).

**МОНОМ**, [< *моно...* + nome ҳисса, қисм]. *мат.* Якузва.

**МОНОМЕ́Р,** [< *моно...* + meros қисм]. *хим.* Моддае, ки молекулаҳои он бо якдигар ё бо молекулаҳои моддаи дигар ба *реаксия* даромада, *полимер* ҳосил мекунанд.

**МО́НОМЕТАЛЛИ́ЗМ**, [< *моно...* + *металл* + пасв. *-изм*]. *мол.* Системаи пулӣ, ки дар он танҳо як металл, мас., тилло ё нуқра, муодили (*эквиваленти*) умумӣ буда, асоси муомилоти пулиро ташкил медиҳад. || Мқс. биметаллизм.

**МО́НОНУКЛЕО́З**, [< *моно...* + лот. nucleus мағз (*ядро*)]. *тиб.* Бемории музмини сироятӣ, ки бо гулӯдард, табларза, калоншавии лимфагиреҳҳо ва тағйирёбии таркиби хун зоҳир мегардад.

**МОНОПЛА́Н**, [< *моно...* + лот. planum сатҳ]. Ҳавопаймои болҳояш яккабата.

**МОНОПОЛИЗА́ТСИЯ (МОНОПОЛИЗА́ЦИЯ),** [< *монополия*]. Инҳисор (*монополия*) кардан.

**МОНОПОЛИ́СТ**, [< *монополия*]. Инҳисоргар.

**МОНОПО́ЛИЯ**, [< *моно...* + лот. poleo мефурӯшам]. **1**. Инҳисор; ҳуқуқи фавқулодаи давлат, ташкилот, ширкат ва ғ. ба истеҳсол, фурӯш ё истифодаи ягон чиз. **2**. Иттиҳодияи калону муқтадире, ки қисми зиёди истеҳсол ва фурӯши ин ё он молро ба даст худ гирифтааст. **3**. *мақ*. Ҳуқуқи афзалиятноки ягон шахс дар муқоиса бо ҳуқуқи дигарон.

**МОНОРХИ́ЗМ**, [< *моно...* + orchis хоя, тухм]. *анат., тиб.* **1**. Иллати модарзодии организми мард – дар хоядон вуҷуд доштани танҳо як хоя. **2**. Дар ковокии шикам дармондани як хоя.

**МОНОСАХАРИ́ДҲО**, [< *моно...* + sakchar қанд + eidos намуд]. *хим.* Пайвастҳои органикӣ: карбогидратҳое, ки ба *гидролиз* қобил нестанд; *монозҳо* низ гӯянд.

**МОНОСИЛЛАБИ́ЗМ**, [< *моно...* + syllabe ҳиҷо]. *збш.* Якҳиҷоӣ; миқдоран бартарият доштани калимаҳои якҳиҷоӣ дар ин ё он забон, мас., дар забони хитоӣ.

**МОНОТЕИ́ЗМ**, [< *моно...* + theos Худо]. Яккахудоӣ; тавҳид; эътиқод ба ягонагии Худо; равияи динию фалсафие, ки баръакси *политеизм* яккаву ягона будани Худоро эътироф мекунад; динҳои насронӣ, яҳудӣ ва ислом монотеистӣ ба шумор меравaнд.

**МОНОТИ́П**, [< *моно...* + typos нақш]. Як навъ мошини ҳарфрез; М. матнро дар шакли сатрҳое мечинад, ки аз *литераҳои* алоҳида иборатанд.

**МОНОФА́Г**, [< *моно...* + *...фаг*]. *зоол.* Ҳайвони якхӯрока; ҳайвоне, ки танҳо як намуди ғизоро истеъмол мекунад. || Мқс. полифаг, стенофаг.

**МОНОФИЛИ́Я**, [< *моно...* + phylon тоифа, ҷинс, намуд]. **1**. *биол.* Пайдоиши гурӯҳи оргнизмҳо аз як аҷдоди умумӣ (на аз як ҷуфт волидон, балки аз гурӯҳи фардҳои ба якдигар монанд); баръакси *полифилия*. **2**. *антр*. Назарияи пайдоиши одами муосир аз як намуд аҷдоди *антропоморфӣ* (одамшакл). || Мқс. моногенизм.

**МОНОФТО́НГ**, [< *моно...* + phthongos овоз]. *збш.* Овози садоноке, ки бар хилофи *дифтонг* ва *трифтонг* ба ду ё се унсур ҷудо намешавад, мас., овози «о».

**МОНОХО́РД**, [< *моно...* + chorde тор]. **1**. Асбоб барои муайян кардани баландии овози тор. **2**. Яктор; як навъ асбоби мусиқии яктора дар Юнон ва Рими Қадим. **3**. Номи умумии асбобҳои мусиқии яктора.

**МОНОХРОМАТӢ**, [< *моно...* + chroma ранг]. **1**. Якранг. **2**. *физ*. Шуоъафкании монохроматӣ – шуоъафкании электромагнитии якбасомадӣ.

**МОНОХРОМА́ТОР,** [< *моно...* + chroma ранг]. *физ*. Асбоб барои ҷудо кардани фосилаҳои хурди дарозии мавҷҳо (басомадҳо)-и афканишоти оптикӣ, яъне шуоъҳои намоён, инфрасурх ё ултрабунафш.

**МОНОХРО́МИЯ**, [< *моно...* + chroma ранг]. **1.** Якрангии асари санъати тасвирӣ. **2**. Чопи якрангаи матн, сурат, харита ва ғ.

**МОНОСЕНТРИ́ЗМ (МОНОЦЕНТРИ́ЗМ)**, [< *моно...* + лот. centrum марказ]. *антр.* Таълимот дар бораи он ки ҳамаи нажодҳои инсонӣ дар як қитъаи кураи Замин аз як аҷдоди *неандарталӣ* пайдо шудаанд. || Мқс. моногенизм, полигенизм, ҳомо сапиенс.

**МОНОСИ́КЛ (МОНОЦИ́КЛ),** [< *моно...* + kyklos чарх]. *Велосипеди* якчарха, ки одатан дар сирк истифода мебаранд.

**МОНОСИ́ТҲО (МОНОЦИ́ТҲО),** [< *моно...* + kytos ҳуҷайра]. *биол.* Намуди лейкоситҳои сафеди хун, ки аз хун ба бофтаҳо гузашта, ба *макрофагҳо* табдил меёбанд.

**МОНПАНСЙЕ́ (МОНПАНСЬЕ́),** [фр. Montpensier]. Як навъ ширавори мевагии фаронсавӣ – оби дандон; чақ-чақи дандон; қанди фучак.

**МОНСЕНЙО́Р (МОНСЕНЬО́Р)**, [фр. monseigneur]. Унвони шоҳзодаҳо, *епископҳо* ва аъёну ашрофи дигар дар Фаронсаи феодалӣ; ҳоло нисбати рӯҳониёни олимартабаи католикӣ истифода мешавад. || Мқс. падре.

**МОНСТР**, [фр. monstre]. Дев, аъҷуба, аждар.

**МОНТА́Ж,** [< фр. montage сохтан, васл кардан]. Ба ҳам васл кардани қисмҳои ҷудогонаи ягон чиз, мас., мошин, дастгоҳ, иморат, кинофилм ва м. инҳо; баръакси *демонтаж*.

**МОНТАНИ́ЗМ**, [фр. montanisme]. Яке аз равияҳои дини насронӣ дар асри 2, ки пайравони он зуҳд, порсоӣ, даст кашидан аз моликияти хусусӣ ва ба дасти *епископҳо* додани ҳокимиятро талаб мекарданд.

**МОНТЕЖЮ́,** [фр. monte-jus < monter боло рафтан (бардоштан) + jus моеъ, об]. Ниг. *монжус*.

**МОНТЁ́Р,** [фр. monteur]. Устои хати барқ, телефон, таҷҳизоти гуногуни электрӣ, техникӣ ва ғ.

**МОНТМОРИЛЛОНИ́Т**, [< фр. montagne кӯҳ]. *маъд.* Минерали гилдор аз зерсинфи силикатҳои варақӣ; аз силикати обии натрий, алюминий ва магний иборат аст; асосан барои тоза кардани равғанҳои гуногун истифода мебаранд.

**МОНУМЕ́НТ**, [лот. monumentum]. Муҷассамаи ёдгорӣ; обида.

**МОНУМЕНТАЛӢ**, [< *монумент*]. **1**. Бузург, азим, бошукӯҳ, муҳташам, мас., ёдгории М. **2**. Пурмазмун, пурмуҳтаво, фарогир, доманадор, амиқ. мас., тадқиқоти М. || Мқс. фундаменталӣ. **3**. Санъати монументалӣ – навъи санъат, ки асарҳои он ҳайкалҳо, муҷассамаҳо нақшу нигори деворҳо, фавворaҳо, витражҳо ва м. инҳо мебошанд.

**МО́ОС**, [< ол. Mohs]. Ҷадвали Моос – ҷадвали минералогӣ барои муайян кардани сахтии нисбии минералҳо; соли 1811 маъданшиноси олмонӣ Ф. Моос ихтироъ кардааст.

**МОПЕ́Д**, [< *мототсикл* + *велосипед*]. Велосипеди муҳаррикдор.

**МОПР**, [< рус. кӯтоҳшудаи международная организация помощи борцам революции]. Ташкилоти байналмилалии мададгори муборизони инқилоб, ки аз с. 1922 то с. 1947 вуҷуд дошт.

**МОПС**, [ол. Mops]. Ҷинси сагҳои хонагии кӯтоҳпашм, каллакалон ва бинипачақ. || Мқс. булдог, болонка, пудел.

**МОРАТО́РИЙ**, [< лот. moratorius сусткунанда]. Аз ҷониби ҳукумат дароз кардани муҳлати пардохтҳо бо ягон сабаби фавқулода (ҷанг, обхезӣ, зилзила ва ғ.); ба муҳлати муайян ё номуайян боздоштани амали чизе, мас., М.-и ҳукми қатл, М.-и озмоиши аслиҳаи ядроӣ.

**МОРГ** [1]**,** [фр. morgue]. Мурдахона, сардхона.

**МОРГ** [2]**,** [пол. morg]. Андозаи замин, ки тақрибан ба 0,5 гектар баробар аст.

**МОРГАНИТӢ**, [фр. morganatique]. Никоҳи морганитӣ – никоҳи байни шахсони гуногунтабақа, мас., никоҳи байни шоҳзода бо духтаре, ки аз хонадони шоҳӣ нест; чунин никоҳ барои соҳиб шудан ба тахт ҳуқуқ намедиҳад.

**МОРГАНИ́ЗМ,** [англ. morganism]. Назарияи хромосомии ирсият, ки биологи амрикоӣ Томас Морган (1866 – 1945) пешниҳод кардааст; мувофиқи ин таълимот, организмҳои зинда иттилооти ирсиро ба наслҳои худ тавассути генҳое интиқол медиҳанд, ки дар *хромосомаҳо* бо тартиби муайян пайваст шудаанд.

**МОРГЕ́Н**, [ол. Morgen]. Андозаи масоҳати замин, ки дар Олмон ба 0,25 – 0,36 га ва дар Африқои Ҷанубӣ ба 0,86 га баробар аст. || Мқс. морг [2].

**МОРЕ́НА**, [фр. moraine]. Тӯдаи шикастапораҳои ҷинсҳои кӯҳӣ, ки дар натиҷаи ҳаракати пиряххо пайдо шудааст.

**МОРЖ**, [фин. morsa]. *зоол.* **1**. Шермоҳӣ; ҳайвони ширхӯри баҳрӣ, дарозиаш то 3,7 м, вазнаш то 1,5 т, пӯсташ ғафси чин-чин; дар укёнуси Яхбастаи Шимолӣ ва баҳрҳои атрофи он зиндагӣ мекунад. **2**. *маҷ.* Касе, ки дар фасли зимистон ба сармо нигоҳ накарда, дар ҳавз, кӯл, дарё оббозӣ мекунад.

**МО́РЗЕ,** [англ. Morse – аз номи ихтироъкори амрикоӣ С. Морзе (1791 – 1872)]. Асбоби телеграфии электромагнитӣ барои қабул ва ирсоли иттилоот; с. 1837

ихтироъ шудааст; алифбои Морзе – маҷмуи ҳарфҳои шартӣ, ки аз нуқтаҳо ва тиреҳо иборат аст.

**МОРМО́НҲО**, [англ. mormons]. Аъзои мазҳаби диние, ки с. 1827 Ҷ. Смит дар ИМА ташкил карда буд; М. Ҷ. Смитро Мормон номида, пайғамбари нави яҳудиён эълон намуданд; таълимоти М. аз омехтаи қавоиду аҳкоми масеҳӣ, буддоӣ, насронӣ ва ислом иборат аст; М. с. 1848 дар штати Ютаи ИМА давлати диние таъсис доданд, ки аз ҷиҳати сохт ва тарзи зиндагӣ ба Исроили Қадим монандӣ дошт; М. бисёрзаниро таблиғ ва риоя мекарданд.

**МОРС**, [< рум. morsa шарбат]. Як навъ нӯшокии ширин – омехтаи об ва шарбати мева. || Мқс. лимонад.

**МОРТИ́РА**, [ҳол. mortier]. Як навъ тӯпи кӯтоҳмил; дар асрҳои 15 – 20 барои вайрон кардани қалъаю истеҳкомҳои мудофиавӣ истифода мешуд.

**МО́РУЛА**, [< лот. morula меваи тут]. *биол.* Зинаи инкишофи ҷанини ҳайвоноти серҳуҷайра (пеш аз *бластула*); дар ин давра ҷанин шакли меваи тутро мегирад. || Мқс. бластула, гаструла.

**МОРФ,** [< лот. morphe шакл]. *збш.* Хурдтарин қисми маънодори тақсимнашавандаи калима; решагӣ ва аффиксӣ мешаванд.

**МО́РФА,** [< лот. morphe шакл]. *збш.* Ниг. *морф.*

**МОРФЕ́Й**, [юн. Morpheios]. **1**. Дар асотири юнониёни қадим – худои хоб ва хоббинӣ. **2**. *маҷ.* «Дар оғӯши Морфей орамидан» – хобидан.

**МОРФЕ́МА**, [< лот. morphe шакл]. *збш.* Хурдтарин қисми маънодори калима (реша, пешванд, пасванд ва ғ.).

**...МОРФИ́ЗМ**, [< лот. morphe шакл]. Қисми охири калимаҳои мураккаб, ки ба шакл, намуд, монандӣ робита доштанро ифода мекунад, мас., *зооморфизм.*

**МО́РФИЙ**, [< *Морфей*]. Алкалоиди химиявии афюн (тарёк), ки аз ғӯзаи хоми кӯкнор ҳосил мекунанд; ба қишри мағзи сар таъсир карда, дардро таскин медиҳад ва хоб меорад; зуд-зуд истеъмол кардани М. боиси нашъамандӣ (*морфинизм*) мегардад; морфин низ гӯянд. || Мқс. героин, марихуана, опиум.

**МОРФИ́Н**, [< *Морфей*]. Ниг. *морфий.*

**МОРФИНИ́ЗМ**, [< *морфий*]. Як намуди нашъамандӣ – сахт одат кардан ба *морфий.*

**...МОРФӢ**, [< лот. morphe шакл]. Қисми охири калимаҳои мураккаб, ки ба шакл, шабоҳат, монандӣ робита доштанро ифода мекунад, мас., *антропоморфӣ.*

**МОРФОГЕНЕ́З,** [< лот. morphe шакл + *...генез*]. *биол.* Пайдоиш ва инкишофи узв, система ва қисмҳои бадан ҳам дар вақти инкишофи фардӣ (*онтогенез*) ва ҳам дар вақти такомули таърихӣ ё эволютсионӣ (*филогенез*).

**МОРФО́ЗҲО**, [< лот. morphe шакл]. *биол.* Тағйироти ғайриирсии организмҳо бо таъсири омилҳои берунӣ.

**МОРФОЛО́ГИЯ**, [< лот. morphe шакл + *...логия*]. **1**. *биол.* Илме, ки сохт ва шакли ҳайвоноту набототро меомӯзад; *анатомия, гистология, палеоботаника, палеозоология, ситология ва эмбриологияро* дар бар мегирад; морфологияи одам – 1) таълимот дар бораи сохти бадани одам дар ҷараёни инкишоф ва фаъолияти ҳаётии он; 2) фасли *антропология*, ки хусусиятҳои аъзои бадани одамро вобаста ба ҷинс, син, нажод, ҷои истиқомат, қаду баст ва ҷои кор меомӯзад. **2**. *збш.* Фасли грамматика, ки ҳиссаҳои нутқ ва шакли калимаҳоро меомӯзад; сарф. || Мқс. синтаксис, фонетика.

**МОРФОМЕ́ТРИЯ**, [< лот. morphe шакл + *...метрия*]. *геол.* Илме, ки сохти сатҳи заминро меомӯзад ва хусусиятҳои рақамии унсурҳо, шаклҳо ва навъҳои *релйефро* муайян мекунад.

**МОРФОНОЛО́ГИЯ**, [< лот. morphe шакл + фонема + *...логия*]. *збш.* Соҳаи забоншиносӣ, ки сохти овозии (*фонологии*) морфемаҳо ва истифодаи воситаҳои овозии забонро таҳқиқ мекунад.

**МОРФОТРОПИ́Я**, [< лот. morphe шакл + *...тропия*]. *хим.* Тағйирёбии сохти кристаллии пайвасти химиявӣ ҳангоми ивазшавии яке аз атомҳои молекулаи он ба атоми элементи химиявие, ки дар системаи даврӣ ҳамшафати он мебошад, мас. ивазшавии бром ва йод.

**МОСКАТЕ́Л (МОСКАТЕ́ЛЬ)**, [ит. muscatello]. Молу маҳсулоти химиявӣ (ранг, лок, ширеш, равғанҳои молиданӣ, хокаи ҷомашӯӣ ва ғ.).

**МОССА́Д**, [яҳ.]. Идораи ҷосусии (разведкаи берунии) давлати Исроил.

**МО́ССО**, [ит. mosso]. *мус.* Бо ҷӯшу хурӯш.

**МОТЕ́Л (МОТЕ́ЛЬ),** [англ. motel < motor автомобил + hotel меҳмонхона]. Меҳмонхона барои сайёҳони автомобилсавор.

**МОТЕ́Т**, [фр. motet]. *мус.* Жанри мусиқии бисёровозаи вокалӣ, ки дар асри 12 дар Фаронса пайдо шуда буд; ҳоло асари хор, ки аз 2-3 қисм иборат буда, аксари вақт бо ҳамовозии созҳои гуногун иҷро карда мешавад.

**МОТИ́В**, [фр. moif]. **1**. Сабаб, боис, асос, омили таҳриккунанда (ангезанда, водорсоз, ҳавасмандсоз). **2**. Далел, бурҳон. **3**. Оҳанг, наво, мақом. **4**. Содатарин қисми таркибии сюжет, мавзуъ дар асари адабиёт ва санъат.

**МОТИВА́ТОР**, [англ. motivator < *мотив*]. Таҳриккунанда, водоркунанда; чизе, ки шахсро ба рафтор ё амале водор, таҳрик, ташвиқ, ҳавасманд мекунад.

**МОТИВА́ТСИЯ (МОТИВА́ЦИЯ)**, [англ. motivation < *мотив*]. **1**. *биол.* Ваҷҳи амал; фаъолияти қисмҳои мағзи сар, ки инсон ва ҳайвонро водор месозанд амалҳои модарзодӣ ё аз таҷриба омӯхтаашро барои қонеъ гардондани талаботи инфиродии худ (мас., рафъи гуруснагӣ, ташнагӣ, ғамхорӣ ба насл ва ғ.) иҷро намояд. **2**. Дар

байни амалҳо, равандҳо, рафторҳо вуҷуд доштани робитаи сабабу натиҷа, мас., М.-и рафтори кӯдакон. **3**. Водорсозӣ, ҳавасмандӣ, ҳавасмандгардонӣ, таҳрик.

**МОТО**..., [< лот. motor муҳаррик]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки муҳаррик (мотор) ё мототсиклро ифода мекунад, мас., дар калимаҳои мотовагон, *мотодром.*

**МОТОБО́Л,** [< *мото... + (фут)бол*]. *варз. Футбол* бо *мототсиклҳо* (тӯби М. назар ба тӯби футбол калонтар аст).

**МОТОДРО́М**, [< *мото... + ...дром*]. Майдони махсус барои пойга ё озмоиши мототсиклҳо.

**МОТО́Р**, [< лот. motor муҳаррик]. Муҳаррики дарунсӯз ё барқӣ. || Мқс. двигател.

**МОТОРА́ЛЛИ**, [< *мото... + ралли*]. *варз. Ралли* бо мототсиклҳо; пойгаи мототсиклҳо бо риояи қатъии қоидаҳои байналхалқии ралли (ниг. *ралли*). || Мқс. автоaccess.

**МОТО́РИКА**, [< лот. motor муҳаррик]. *физиол.* Фаъолияти ҳаракатии организм ва узвҳои он.

**МОТОРО́ЛЛЕР**, [ол. Motoroller]. Воситаи нақлиёт, ки ба *мототсикл* монанд буда, чархҳои нисбатан хурдтар дорад.

**МОТОТРИА́Л,** [< англ. moto(rcycle) мототсикл + trial озмоиш]. *варз.* Як навъ варзиши мототсиклӣ – гузаштан аз монеаҳои махсус сохташуда.

**МОТОТСИ́КЛ (МОТОЦИ́КЛ),** [англ., фр. motocycle < лот. motor + юн. kyklos чарх]. Воситаи нақлиёти дучарха ё сечархаи дорои муҳаррики дарунсӯз. || Мқс. мопед.

**МОТОТСИКЛЕТ (МОТОЦИКЛЕ́Т),** [англ., фр. motocycle < лот. motor + юн. kyklos чарх]. Ниг. *мототсикл.*

**МОТСИО́Н (МОЦИО́Н)**, [< лот. motio ҳаракат]. Сайругашт бо мақсади истироҳат ё пешгирию муолиҷаи баъзе бемориҳо.

**МОШИ́Н,** [< рус. машина < лот. machina иншоот]. **1**. *тех.* Таҷҳизоте, ки бо қуввае ба ҳаракат даромада, кори муфидеро иҷро мекунад, мас., М.-и алафдарав, М.-и дарздӯзӣ, М.-и пахтачинӣ, М.- электронии ҳисоббарор, М.-и ҷомашӯӣ. **2**. *гуфт.* Ниг. *автомобил.*

**МОШИНИ́СТ**, [< рус. машина]. Мошинчӣ; идоракунандаи ин ё он мошин, мас., М.-и поезд, киштӣ ва ғ.

**МОШИНКА́**, [< рус. машина < лот. machina иншоот]. Мошини хурд барои иҷрои корҳои хурд, мас., М.-и ришгирӣ, М.-и хатнависӣ.

**МРА́МОР**, [< юн. marmaros санги дурахшон]. Ниг. *мармар.*

**МСЙЕ́ (МСЬЕ́),** [фр. monsieur]. Ҷаноб; муроҷиати боэҳтиромона ба мард дар мамлакатҳои франсавизабон.

**МУВИМЕ́ЙКЕР**, [англ. moviemaker]. Таҳиягари филм; офарандаи филм. || Мқс. режиссёр.

**МУ́ЗА**, [юн. musa]. **1**. Дар асотири юнониёни қадим – ҳар кадоме аз нуҳ олиҳа – ҳомиёни илму санъат. **2**. *мач*. Манбаи илҳоми шоирон. || Мқс. лира[1], пегас. **3**. *адш*. Хусусият(ҳо)и фарқкунандаи эҷодиёти шоир.

**МУЗЕ́Й**, [лот. museum < юн. museion achina қасри музаҳо]. Осорхона; муассисае, ки бо ҷамъ кардан, нигоҳ доштан, омӯхтан ва намоиш додани бозёфтҳои таърихӣ, осори илм ва санъат, ашёи марбут бо ҳаёту фаъолияти одамони бузург машғул аст.

**МУЗЕОЛО́ГИЯ**, [< *музей... + ...логия*]. Осорхонашиносӣ; илм дар бораи таърихи осорхонаҳо, назария ва усулҳои кори онҳо.

**МУ́ЗИКА (МУ́ЗЫКА),** [< юн. musike санъати музаҳо]. Ниг. *мусиқӣ*.

**МУКО́ИДҲО**, [< лот. mocus луоб + юн. eidos намуд]. *биол., хим*. Сафедаҳои мураккабе, ки дар қарнияи чашм, бофтаҳои тағояк ва устухон, луоби ғадудҳо ва ғ. вуҷуд доранд.

**МУЛА́Т**, [исп. mulato]. Акдиш, икдиш; насли аз заношӯии шахси сафедпӯст ва зангӣ пайдошуда.

**МУЛЕ́ТА**, [исп. muleta]. Рӯймоли сурхе, ки *торреро* бо он дар вақти *коррида* буққаро ба хашм меорад.

**МУЛИНА́**, [фр. moulinet]. Риштаи рангаи абрешимӣ ё *штапелӣ* барои кашидадӯзӣ.

**МУЛИНЕ́**, [фр. moulinet]. Ниг. *мулина*.

**МУЛТИ... (МУЛЬТИ...)**, [лот. multum бисёр]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки бисёрӣ, бисёрмаротибагиро ифода мекунад; бо "бисёр...", "сер...", "чандин...", "«фузун..."-и тоҷикӣ мувофиқат мекунад.

**МУЛТИБРЕ́НД (МУЛЬТИБРЕ́НД)**, [< *мулти... + бренд*]. Ширкате, ки бо *брендҳои* гуногуни мустақил маҳсулот мебарорад ё хизмат мерасонад.

**МУЛТИВАЛЕ́НТҲО (МУЛЬТИВАЛЕ́НТҲО),** [< *мулти...* + лот. valens (valentis) бақувват, зӯр]. *биол*. Бисёрвалентҳо; тӯдаи хромосомаҳои ҷуфт (зиёда аз ду *хромомосома*), ки баъзан ҳангоми ба балоғат расидани ҳуҷайраҳои ҷинсӣ дар давраи *мейоз* ташкил меёбад.

**МУЛТИКА́Р (МУЛЬТИКА́Р)**, [< *мулти...* + англ. car мошин]. Мошини ҳамакора, ки асосан барои рӯфтани кӯча, бор карда бурдани партову ахлот ва диг. корҳои хоҷагии шаҳр хизмат мекунад.

**МУЛТИМЕ́ДИА (МУЛЬТИМЕ́ДИА),** [< *мулти... + медиа*]. *инф*. Чандрасона, бисёррасона; технологияе, ки ба истифодаи воситаҳои гуногуни таҳия, нигоҳдорӣ ва интиқоли иттилоот (иттилооти овозӣ, матнӣ, тасвирӣ, графикӣ ва ғ.) асос

меёбад, инчунин маҷмуи барномаҳо ва системаҳои иттилоотие, ки ин технологияро амалӣ менамоянд.

**МУЛТИМИЛЛИОНЕ́Р (МУЛЬТИМИЛЛИОНЕ́Р),** [< *мулти...* + *миллионер*]. Соҳиби сарвати бисёрмиллиона.

**МУЛТИПЛЕ́КС (МУЛЬТИПЛЕ́КС)[1],** [англ. multiplex]. Кинотеатри дорои якчанд толор.

**МУЛТИПЛЕ́КС (МУЛЬТИПЛЕ́КС)[2],** [лот. multiplex]. Асбоби оптикӣ барои кашидани харитаи топографӣ.

**МУЛТИПЛИКА́ТОР (МУЛЬТИПЛИКА́ТОР),** [лот. multiplicator зиёдкунанда]. **1**. Рассоме, ки барои филмҳои тасвирӣ (мултипликатсионӣ) сурат мекашад; ҳоло бо ин мақсад аз имкониятҳои графикии компютер истифода мебаранд. **2**. Ҷиҳозе дар дастгоҳи суратгирӣ барои паиҳам гирифтани силсилаи суратҳо. **3**. *тех*. Гардишфизо; ҷиҳоз барои зиёд кардани басомади гардиши наварди мошин. **4**. *тех*. Фишорфизо; ҷиҳоз барои зиёд кардани фишори моеъ андаруни *насос*. **5**. *иқт*. *Коэффитсиенти* вобастагии байни бузургиҳои тағйирёбанда.

**МУЛТИПЛИКА́ТСИЯ (МУЛЬТИПЛИКА́ЦИЯ),** [лот. multiplicatio зиёд кардан]. **1**. Киногирӣ аз рӯи суратҳо ё лӯхтакҳо (суратҳо ё лӯхтакҳоро чунин паиҳам гузошта ба навор мегиранд, ки ҳангоми намоиш додан дар экран онҳо ба ҳаракат меоянд). **2**. Ниг. *мултфилм*.

**МУЛТИРОТА́ТСИЯ (МУЛЬТИРОТА́ЦИЯ),** [< *мулти...* + лот. rotatio чархзанӣ]. *хим*. Тадриҷан тағйир ёфтани зичии оптикии моддаҳои аз ҷиҳати оптикӣ фаъол, мас., *моносахаридҳо*.

**МУЛТИСПО́РТ (МУЛЬТИСПО́РТ)** , [< *мулти...* + *спорт*]. *варз*. Пойгаи гурӯҳии якчандрӯза (аз як то панҷ рӯз) дар роҳҳои ноҳамвор, ки ҳангоми он варзишгарон усулҳои ҳаракати худро доимо дигар карда меистанд (давидан, савори *лижа*, заврақ, *велосипед*, асп ва ғ.).

**МУЛТФИ́ЛМ (МУЛЬТФИ́ЛЬМ),** [< *мултипликатсия...* + *филм*]. Филми тасвирӣ; филме, ки бо усули мултипликатсия, яъне аз рӯи силсилаи суратҳо ё лухтакҳо ба навор гирифта шудааст.

**МУ́ЛЧА (МУ́ЛЬЧА),** [англ. mulch]. *кшв*. Коҳ, пахол, пору ва ғ., ки бо он решаи растаниҳоро бо мақсади пешгирии сармозанӣ, сафолакбандӣ ва нигоҳ доштани намӣ мепӯшонанд.

**МУЛЯ́Ж**, [фр. moulage]. Амсила; намунаи аз мум, гаҷ, *парафин* ва ғ. сохташудаи ягон ашё, ки аз ҷиҳати ҳаҷму шакл ба асл мувофиқат мекунад; бештар дар мактабҳо чун асбоби аёнӣ, дар осорхонаҳо барои иваз кардани *экспонати* нодир ва гаронбаҳо истифода мешавад. || Мқс. макет, модел.

**МУ́НГУ**, [муғ.]. Пули майдаи Муғулистон, ки ба 0,01 *тугрик* баробар аст.

**МУНДИ́Р**, [фр. monture < лот. mundus либос]. Либоси расмии ҳарбӣ ё гражданӣ.

**МУНДШТУ́К**, [ол. Mundstuck]. **1**. Ҷои аз тамоку холии *папирос*, ки дар вақти тамокукашӣ ба даҳон мегиранд, инчунин найчае, ки ба он *сигарет* гузошта мекашанд (муштук). **2**. *мус*. Лабгир; қисми асбоби мусиқии нафасӣ, ки ҳангоми навохтан ба даҳон мегиранд ё ба лаб мегузоранд. **3**. Даҳона; асбоби оҳанин дар лаҷом барои ором нигоҳ доштани аспҳои шӯх. **4**. *тех*. Қисми найчашакли асбоб, олат, ки ба он одатан ҳамин гуна қисми асбоб, олати дигар андохта ё пӯшонда мешавад.

**МУНИСИПАЛИТЕ́Т (МУНИЦИПАЛИТЕ́Т)**, [ол. Munizipalitat]. Мақоми интихобии худидоракунии шаҳрӣ ё ноҳиявӣ дар баъзе мамлакатҳо, инчунин бинои он. || Мқс. мэрия, ратуша.

**МУРЕ́НА**, [лот. muraena]. *зоол*. Моҳии калони даранда аз оилаи мормоҳиҳо; дарозиаш то 3 м; гӯшташ заҳрнок аст.

**МУСАГЕ́Т, МУЗАГЕ́Т,** [юн. Musagetes]. Дар асотири юнониёни қадим – яке аз номҳои худо Аполлон – ҳомии илм ва санъат.

**МУСИҚӢ**, [< юн. musike санъати музаҳо]. **1**. Санъати нафисе, ки дар он ҳиссиёт, таассурот ва ғояҳо ба воситаи оҳанг ва садоҳои мавзуни муташаккил ифода меёбанд. **2**. Умуман санъати навозандагӣ ва сурудхонӣ. **3**. Оҳанг, савт, наво.

**МУ́СИНГ,** [англ. mousing]. Ғафсиҳои гиреҳмонанд дар байн ё охири таноб, ки ҳангоми хазида боло баромадан бо таноб пойҳоро ба онҳо такя мекунонанд.

**МУСКАРДИ́НА**, [< лот. musca магас]. Бемории занбӯруғии кирмаки пилла.

**МУСКА́Т,** [лот. muscus мушк]. **1**. Навъи ангури мушкшбӯй. **2**. Майе, ки аз ҳамин гуна ангур тайёр мекунанд. **3**. Д а р а х т и м у с к а т – як навъи дарахти тропикӣ, ки меваи он (чормағзи мускат) дар таомпазӣ ва саноати хӯрокворӣ истифода мешавад.

**МУСКОВИ́Т,** [англ. muscovite]. *маъд*. Минерал аз гурӯҳи абрақҳо, алюмосиликати калий бо омехтаи фтор; дар радиотехника ва истеҳсоли масолеҳи сохтмон истифода мешавад.

**МУССО́Н**, [фр. mousson < форс., ар. мавсим]. Боди мавсимӣ; шамоле, ки дар сатҳи замин ва қисми поёни *тропосфера* доимо ба як сӯ вазида, фақат бо иваз шудани фасли сол муқобили самти пештара мевазад (дар фасли зимистон – аз хушкӣ ба сӯи баҳр ва дар тобистон – аз баҳр ба хушкӣ). || Мқс. борей.

**МУСТА́НГ**, [англ. mustang]. Аспи хонагии ваҳшишуда дар Амрикои Шимолӣ; ҳоло тамоман қир карда шудааст.

**МУТАГЕНЕ́З,** [< *мутатсия* + *...генез*]. *биол*. Ҷараёни ба вуҷуд омадани тағйироти ирсӣ (*мутатсия*).

**МУТАГЕ́НҲО**, [< *мутатсия* + *...генҳо*]. *биол*. Омилҳое, ки *мутатсияро* ба вуҷуд меоранд; физикӣ, химиявӣ ва биологӣ мешаванд.

**МУТА́НТ**, [< *мутатсия*]. Организм ё растание, ки дар натиҷаи тағйироти ирсӣ (*мутатсия*) пайдо шудааст.

**МУТАРОТА́ТСИЯ (МУТАРОТА́ЦИЯ),** [< лот. mutare тағйир додан + rotatio чархзанӣ]. Ниг. *мултиротатсия*.

**МУТА́ТСИЯ (МУТА́ЦИЯ)[1],** [< лот. mutatio тағйирёбӣ]. *биол*. Тағйирёбии табиӣ ё сунъии хусусиятҳои ирсии организм, ки дар натиҷаи дигаргуншавӣ ё вайроншавии хромосомаҳо ва генҳо ба вуҷуд меояд.

**МУТА́ТСИЯ (МУТА́ЦИЯ)[2],** [< лот. mutatio тағйирёбӣ]. Тағйир ёфтани овози писарбача ҳангоми ба балоғат расидан.

**МУТИ́ЗМ**, [< лот. mutus гунг]. Хаппакӣ; қасдан гап назадан бо вуҷуди солим будани узвҳои нутқ (гунг набудан); одатан бо баъзе беморони рӯҳӣ ва кӯдакони шармгин рӯй медиҳад.

**МУТО́Н**, [< фр. mouton гӯсфанд]. Навъи пӯсти даббоғишудаи гӯсфанд, ки аз он пӯстин медӯзанд.

**МУТУАЛИ́ЗМ**, [фр. mutualisme]. *биол*. Яке аз намудҳои симбиоз (ниг. *симбиоз*); ҳамзистии ду организм, ки ҳангоми он яке ба дигаре ягон фоида меорад.

**МУФЛО́Н,** [ит. mufflone]. *зоол*. Ҳайвони ҷуфтсум аз ҷинси гӯсфандҳо, зернамуди ғурм. || Мқс. архар.

**МУ́ФТА[1]**, [ол. Muffe]. Остинчаи мӯинагии ду тарафаш кушода барои гарм нигоҳ доштани дастҳо; одатан занҳо ва кӯдакон истифода мебаранд.

**МУ́ФТА[2]**, [ол. Muffe]. *тех*. Бастак; олат барои пайваст намудани навардҳо, қубурҳо, танобу симҳои пӯлодин ва ғ.

**МУШКЕ́Т**, [фр. mousquet]. Милтиқи қадимии пилатагӣ, ки асри 16 дар Испания ихтироъ шудааст.

**МУШКЕТЁ́РҲО,** [< *мушкет*]. *таър*. Сарбозони мушкетдор, ки дар асрҳои 16 – 18 асоси қувваҳои пиёдагарди артиши Фаронса ва диг. мамлакатҳои Аврупоро ташкил медоданд.

**МУШКЕТО́Н**, [фр. mousqueton]. *Мушкети* кӯтоҳмил.

**МӮД**, [фр. mode < лот. modus тарз, усул, қоида]. Ниг. *мода* (маънои 1).

**МЭР**, [фр. maire < лот. major калон]. Сардор (раис)-и шаҳр дар баъзе мамлакатҳо. || Мқс. бургомистр.

**МЭ́РИЯ,** [фр. mairie < лот. major калон]. Ниг. *мунисипалитет*.

**МЭ́СТО**, [ит. mesto]. *мус*. Оҳанги ҳузнангез.

**МЭТР**, [фр. maitre]. Ниг. *метр*[2].

**МЮЗЕ́Т**, [фр. musette]. **1**. Асбоби мусиқии халқии фаронсавӣ, ки ба сурнай монанд буда, бо дами машк навохта мешавад. **2**. Рақси қадимаи шӯхи фаронсавӣ, ки бо ҳамовозии чунин сурнай иҷро карда мешавад.

**МЮ́ЗИКЛ**, [англ. musical]. Асари мусиқии саҳнавӣ (одатан мазҳакавӣ), ки дар он унсурҳои *оперетта, балет, эстрада* истифода мешаванд. || Мқс. водевил.

**МЮЗИК-ХО́ЛЛ**, [англ. music-hall]. Яке аз намудҳои театри эстрадӣ, ки дар барномаи он жанрҳои *балет, эстрада, сирк, водевил, мюзикл* ва м. инҳо истифода мешаванд.

**МЮО́Н**, [< *мезон*]. *физ*. Зарраи элементарии мусбат ё манфӣ заряднокшуда аз синфи *лептонҳо*, ки *спинаш* ба 1/2 баробар аст.

# Н

**НА́БЛА,** [< юн. nabla арфа (барбат)]. Ҳарфи вожгуни алифбои юнонӣ делта (Δ), ки дар матнҳои математикӣ ба сифати рамз, аломат истифода мешавад.

**НАВА́ГА,** [заб. саамӣ navag]. *зоол*. Моҳии баҳрӣ аз оилаи равғанмоҳиҳо; асосан дар баҳрҳои шимолӣ зиндагӣ мекунад.

**НАВА́РХ,** [< юн. naus киштӣ + archos сардор, роҳнамо]. *таър*. Фармондеҳи флот дар Юнони Қадим. || Мқс. флагман.

**НАВИГА́ТОР**, [< *навигатсия*]. Киштирон; мутахассиси *навигатсия*.

**НАВИГА́ТСИЯ (НАВИГА́ЦИЯ)**, [< лот. navigatio баҳрнавардӣ]. **1**. Киштиронӣ, баҳрнавардӣ, дарёнавардӣ. **2**. Илм дар бораи усулҳои рондани киштиҳои баҳрӣ ва ҳавоӣ, интихоби роҳҳои баҳрӣ ва ҳавоии мувофиқ, муайян кардани ҷои киштӣ, самти ҳаракати он ва ғ.

**НАВИГРА́Ф**, [< *навигатсия* + *...граф*]. Асбоби киштиҳои ҳавоӣ (мас., ҳавопаймо, чархбол ва ғ.) барои сабти роҳи тайкардашуда, суръат ва самти ҳаракати киштӣ, суръати шамол ва параметрҳои дигари парвоз.

**НАГА́Н**, [фр. Nagant]. Таппончаи ҳафттирае, ки тирдони даврзананда дорад; калибраш 7,62 мм; аслиҳасози белгиягӣ Л. Наган ихтироъ кардааст.

**НА́ГЕЛ (НА́ГЕЛЬ)**, [ол. Nagel]. **1**. Мех. **2**. Меҳвари чархи дастгоҳ, мошин ва ғ.

**НАГРУ́ЗКА**, [рус. < нагрузить бор кардан]. Сарборӣ; ҳаҷми кор; дараҷаи бо кор таъмин будан.

**НА́ДФИЛ (НА́ДФИЛЬ)**, [ол. Nagelfeile]. Сӯҳончаи борике, ки аз сими пӯлодин тайёр карда шудааст.

**НАЗАЛИЗА́ТСИЯ (НАЗАЛИЗА́ЦИЯ)**, [< лот. nasus бинӣ]. *збш*. Талаффузи димоғии овозҳо.

**НАЗАЛӢ́,** [< лот. nasus бинӣ]. *збш*. Димоғӣ (дар бораи овозҳои забон).

**НАЗАРЕ́ЙҲО,** [аз номи шаҳри Назарет, ки Исои Масеҳ дар он ҷо зода шудааст]. Яҳудиёне, ки дар қарнҳои аввали пайдоиши дини насронӣ ин динро қабул кардаанд.

**НАЙЛО́Н, НЕЙЛО́Н,** [англ. nylon]. Номи тиҷоратии нахи *полиамидӣ* ва матое, ки аз ҳамин гуна нах тайёр карда шудааст.

**НА́ЙРА**, [англ. naira]. Воҳиди пули Нигерия, ки ба 100 кобо баробар аст.

**НАЙТО́В**, [ҳол. naaitouw]. Таноби борик дар киштӣ.

**НАКЛАДНО́Й**, [рус. < накладывать, наложить гузоштан]. Ҳуҷҷати муҳосибии (*бухгалтерии*) молҳои супурдашуда ё қабулкардашуда.

**НАЛИ́М**, [рус.]. Як навъ моҳии даранда, ки пӯсташ пулакча надорад.

**НА́НДУ**, [исп. nandu]. *зоол*. Шутурмурғи зоти амрикоӣ.

**НАНИ́ЗМ**, [< юн. nannos пакана]. *тиб*. Паканагӣ; қадпастӣ; қади аз меъёр пасти одам (барои мардон то 130 см ва барои занон то 120 см), ки сабабаш зарар дидани ғадудҳои тарашшуҳи дохилӣ мебошад.

**НА́ННОПЛАНКТО́Н**, [< юн. nannos пакана + *планктон*]. *зоол*. Хурдтарин организмҳои *планктон* (андозаашон камтар аз 0,05 мм).

**НАНО**..., [< юн. nannos пакана]. Қисми аввали номи воҳидҳои ченак, ки аз миллиард як ҳиссаи воҳиди асосиро ифода мекунад, мас. наносония.

**НАНОРЕЛЙЕФ (НАНОРЕЛЬЕФ),** [< *нано…* + *релйеф*]. Шаклҳои хурдтарини релйефи сатҳи замин – ҷӯякҳо, палакчаҳо, хокҳои баровардаи мӯрчаҳо, мушҳо ва ғ.

**НАНОТЕХНОЛО́ГИЯ,** [< *нано…* + *технология*]. Тадқиқ ва коркарди объектҳое, ки андозаашон такр. $10^{-9}$ м мебошад (атомҳо, ионҳо, молекулаҳо); Н. ба механикаи *квантӣ* асос меёбад.

**НАПОЛЕОНДО́Р**, [< фр. napoleon d′ or Наполеони тиллоӣ]. Тангаи тиллоии Фаронса, ки қурбаш ба 20 *франк* баробар аст.

**НАРВА́Л**, [шв. narwhal]. *зоол.* Ҳайвони ширхӯри баҳрии арктикӣ аз оилаи делфинҳо; дарозиаш то 6 м, дар фӯкаш як шох дорад. || Мкс. блювал.

**НАРКО́З**, [< юн. narke карахтшавӣ, гарангшавӣ]. *тиб.* Бо доруҳои махсус беҳис кардани ягон узв (Н.-и ҷузъӣ) ё тамоман беҳуш кардани одам (Н.-и умумӣ) бо мақсади ҳис накардани дард ҳангоми ҷарроҳӣ.

**НАРКОЛЕ́ПСИЯ**, [< юн. narke карахтшавӣ, гарангшавӣ + lepsis хуруҷ, шиддат]. *тиб.* Хуруҷи кӯтоҳмуддати ногаҳонӣ ва рафънопазири хоб бо сустшавии мушакҳо, ки ҳангоми баъзе бемориҳои мағзи сар рӯй медиҳад.

**НАРКОЛО́ГИЯ**, [< юн. narke карахтшавӣ, гарангшавӣ + *...логия*]. *тиб.* Фасли тиб, ки оқибатҳо ва роҳҳои муолиҷа ва пешгирии нашъамандиро тадқиқ мекунад.

**НАРКОМА́Н**, [< *наркомания*]. Нашъаманд; гиёҳманд; бангӣ; шахси гирифтори *наркомания.*

**НАРКОМА́НИЯ**, [< юн. narke карахтшавӣ, гарангшавӣ + mania майл]. Нашъамандӣ; гиёҳмандӣ; майлу рағбати ҳарисона ба истеъмоли маводи мухаддир.

**НАРКО́ТИКҲО**, [< юн. narkotikos гарангкунандаҳо]. Маводи мухаддир; моддаҳои табиӣ ё сунъии сахттаъсир (аз қабили банг, тарёк, *героин, кокаин, марихуана* ва ғ.), ки системаи марказии асабро карахт намуда, ё хоб меоранд, ё ҳаяҷони сахт ва таваҳҳум (*галлютсинатсия*); баъзеашон дардро муваққатан рафъ мекунанд.

**НАРСИ́СС (НАРЦИ́СС)**, [< юн. Narkissos]. **1**. Дар асотири юнониёни қадим – ҷавони зебое, ки акси худро дар об дида, ба он ошиқ шуд, аз ғами ишқ ба ҳалокат расид ва худоҳо ӯро ба гули нарсисс (наргис) табдил доданд. **2**. *маҷ.* Шахсе, ки шайдои ҳусни худ аст. **3**. *бот.* Гули наргис.

**НА́РТА**, [заб. эвенкӣ]. Чана ё чигинаи мардуми шимоли Россия, ки ба он сагҳо ё гавазнҳоро баста меронанд.

**НАРЯ́Д**, [рус.]. **1**. Супоришнома, рухсатнома барои гирифтан ё додани чизе. **2**. Дастаи хизматчиёни ҳарбӣ ё умури корҳои дохилӣ, ки барои иҷрои супориш ё кори махсусе таъйин шудааст. **3**. *ҳарб.* Кор ё супорише, ки аз тарафи хизматчи(ён)-и ҳарбӣ иҷро карда мешавад (баъзан чун ҷазо). **4**. Либос.

**НА́СА**, [англ. NASA < National Aeronautics and Space Administration]. Муассисаи давлатии ИМА оид ба аэронавтика ва таҳқиқи фазои кайҳон.

**НАСО́С**, [рус.]. Олат барои кашида баровардан ва ба ҷои дигар фиристодани об, газ ва ғ.; тулумба.

**НА́СТИЯ**, [< юн. nastos зичшуда]. *бот.* Ҳаракати барг, навда ва диг. узвҳои растанӣ ҷавобан ба таъсири ангезаҳои тағйирёбандаи берунӣ (рӯшноӣ, намӣ, ҳарорат ва ғ.).

**НА́ТО**, [англ. NATO < North Atlantic Treaty Organization Ташкилоти шартномаи Атлантикаи Шимолӣ]. Иттифоқи ҳарбию сиёсӣ, ки с. 1949 бо ташаббус ва дастгирии ИМА бо мақсади ҳимоя аз "таҳдид"-и Иттиҳоди Шӯравӣ ташкил шудааст; баъди пароканда шудани СССР фаъолияташро ба муқобили Россия ва тарафдорони он равона намудааст; қароргоҳаш дар ш. Брюссел.

**НАТР**, [< *натрий*]. *хим.* Гидроксиди натрий (NaOH); номи дигараш *содаи каустикӣ;* моддаи беранги кристаллӣ, ки дар саноати химия, бофандагӣ, собунпазӣ ва ғ. истифода мешавад.

**НА́ТРИЙ,** [лот. Natrium]. Элементи химиявии гурӯҳи I системаи даврӣ (Na); металли ишқордори нуқрафом, нарму сабук ва зудгудоз.

**НАТСИ́ЗМ (НАЦИ́ЗМ),** [ол. Nazism]. Яке аз номҳои фашизми Олмон; кӯтоҳшудаи натсионал-сотсиализм (ниг. *натсионал-сотсиализм*).

**НАТСИОНА́Л-СОТСИАЛИ́ЗМ (НАЦИОНА́Л-СОЦИАЛИ́ЗМ)**, [ол. Nationalsozialismus]. Идеологияи *фашизми* Олмон, ки мақсади асосии он аз нажодҳои дигар боло гузоштани нажоди ориёӣ (пайравони Н.-С. худро аз ҳамин нажод ҳисоб мекарданд), мубориза бар зидди сотсиализм ва коммунизм, бо роҳи қир кардани халқҳои дигар (махсусан яҳудиён ва славянҳо) ба даст овардани ҳукмронии ҷаҳонӣ буд. || Мқс. фашизм.

**НАТСИ́СТҲО (НАЦИ́СТҲО),** [< *натсизм*]. Фашистони олмонӣ; аъзои ҳизби натсионал-сотсиалистӣ, ки дар Олмон солҳои 1933 – 1945 ҳукмронӣ кардаанд.

**НАТУ́РА**, [лот. natura табиат]. **1**. *куҳна.* Табиат; олами ҳайвонот ва наботот. **2**. Миҷоз, табиат, сиришт, ниҳод, тинат, хислати одам. **3**. Ҳар чизе, ки дар ҳақиқат вуҷуд дорад; ҳолат, шароити табиӣ, воқеӣ. **4**. Одам, ашё, манзарае, ки рассом аз рӯи он расм мекашад. **5**. Мол ё маҳсулоте, ки ба ҷои пул чун воситаи пардохт хизмат мекунад.

**НАТУРАЛИЗА́ТСИЯ (НАТУРАЛИЗА́ЦИЯ)**, [лот. naturalis қонунӣ, ҳақиқӣ]. Ҳуқуқи шаҳрвандӣ гирифтани шахси хориҷӣ дар ин ё он мамлакат.

**НАТУРАЛИ́ЗМ**, [лот. naturalis табиӣ, ҳақиқӣ]. **1**. Равияе дар адабиёту санъати охири асри 19, ки ба нусхабардории олами воқеӣ, инъикоси объективӣ, аниқ ва беэҳтироси воқеият мекӯшид; мақсади Н. аз идроки илмии табиати инсон иборат буд. **2**. *фалс.* Таълимоте, ки мувофиқи он табиат принсипи ягона ва умумии шарҳи ҳамаи мавҷудот буда, зуҳуроти ғайритабиӣ ва «фавқуттабиӣ»-ро рад мекунад.

**НАТУРАЛИ́СТ**, [< *натурализм*]. Табиатшинос; пайрави *натурализм*.

**НАТУРАЛӢ**, [< *натурализм*]. Табиӣ, аслӣ, ғайрисунъӣ; а д а д ҳ о и  Н. – ададҳои томи мусбат, мас., 1,2,3,4 ва ғ.; м а к т а б и  Н. – ҷараёни адабии солҳои 40-уми асри 19, ки дар Россия чун "мактаб"-и Н.В. Гогол пайдо шуда буд; м у б о д и л а и  Н. – додугирифти мол бе ёрии пул; н а х ҳ о и  Н. – нахҳои наботӣ, растанигӣ (мас., канаб), ҳайвонӣ (мас., пашм) ё минералӣ (мас., *асбест*), ки барои бофтани ришта, ресмон ва ғ. ба кор меравад; х о ҷ а г и и  Н. – хоҷагие, ки дар он маҳсулоти меҳнат на барои фурӯхтан, балки барои таъмин кардани эҳтиёҷоти дохили хоҷагӣ истеҳсол карда мешавад; ҳ а ҷ м и  Н.-и  ҷ и с м – ҳаҷми табиӣ, аслии ҷисм.

**НАТУРБА́Н**, [ол. Naturbahn]. Намуди варзиш – бо чанаи махсус нишеб шуда фуромадан бо роҳҳои серпечутоб.

**НАТУРИ́ЗМ**, [< *натура*]. **1**. Назарияи пайдоиши дин аз парастиши қувваҳои табиат. **2**. Ниг. *нудизм*.

**НАТУРОПА́Т**, [< лот. natura табиат + pathos беморӣ, дард]. Табибе, ки на бо доруҳои сунъӣ, балки бо доруҳои табиӣ (мас., шираи гиёҳҳо, обу гилҳои шифобахш ва ғ.) табобат мекунад. || Мқс. фитотерапевт.

**НАТУРФАЛСАФА́**, [< лот. natura табиат + *фалсафа*]. Фалсафаи табиат; таълимоти фалсафии асримиёнагӣ, ки табиатро аз ҷиҳати назарӣ таъбир менамуд ва онро чун як чизи том тасаввур мекард.

**НАТЮРМО́РТ**, [фр. nature morte табиати мурда]. Дар санъати тасвирӣ – расми чизҳои беҷон, мас., гул, мева, сабзавот, зарф, сайд ва ғ.

**НАУТИ́ЛУС**, [лот. nautilis киштича]. *зоол.* Нармбадани каллапои хӯрданбоб, ки аз садафи он ҳаргуна асбоби оришӣ тайёр мекунанд.

**НАУТОФО́Н**, [< юн. nautes баҳрнавард + phone овоз]. Олати электромагнии садобароре, ки дар мино (*маяк*) гузошта мешавад (барои роҳнамоии киштиҳо дар вақти туман ё ҳавои абрнок).

**НАФТАЛИ́Н**, [< юн. naphtha нафт]. Моддаи сафеди тундбӯи кристаллӣ, ки аз қатрони ангиштсанг ҳосил мекунанд; барои муҳофизати матоъҳои пашмин аз куя, истеҳсоли рангҳо, қатронҳои сунъӣ ва ғ. истифода мешавад.

**НАФТЕНА́ТҲО**, [< юн. naphtha нафт]. *хим.* Гурӯҳи пайвастҳои органикӣ, намакҳо ва эфирҳои *кислотаҳои нафтенӣ*; чун маводи шӯянда ва дезинфексиякунанда, инчунин барои тар кардани чӯб ва таноб истифода мебаранд.

**НАФТЕНӢ**, [< юн. naphtha нафт]. *хим.* К и с л о т а ҳ о и  Н. – кислотаҳои алитсиклии карбон, ки дар таркиби нафт вуҷуд доранд.

**НАЯ́ДА,** [< юн. naias]. **1**. Дар асотири юнониёни қадим – парии обӣ, ҳомии ҷӯю дарё ва чашмаҳо. **2**. *астр.* Радифи Нептун, ки қутраш такр. ба 50 км баробар аст.

**НГВЕ́,** [афр.]. Пули майдаи Замбия, ки ба 0,001 квач баробар аст.

**НЕАНДЕРТАЛӢ**, [аз номи водии Неандертали Олмон]. Одамони неандерталӣ – одамони давраи охири *палеолит* (200 – 35 сол пеш), зернамуди одамони бохирад; ба сокинони имрӯзаи Арктика, мас., чукчаҳо монанд буданд; *палеоантропҳо* низ гӯянд.

**НЕБУЛЯРӢ**, [< лот. nebula туман]. Фарзияи небулярӣ – фарзия дар бораи он ки сайёраҳои системаи офтобӣ аз туманҳо пайдо шудаанд.

**НЕВР..., НЕВРИ..., НЕВРО..., НЕЙРО...**, [< лот., юн. neuron асаб, тор]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки бо системаи асаб робита доштани қисми дуюми калимаро ифода мекунад, мас., *неврастения.*

**НЕВРАЛГИ́Я,** [< *невр...* + algos дард]. *тиб.* Дарди сахте, ки дар ҷои воқеъшавии ягон тори асаб ё шохаҳои он пайдо мешавад.

**НЕВРАСТЕНИ́Я**, [< *невр...* + astheneia сустӣ, бемадорӣ]. *тиб.* Заъфи асаб; яке аз намудҳои *невроз*; бемории системаи асаб, ки аломатҳои он аз ҳад зиёд хасташавӣ, оташинию тундфеълӣ, дарди сар ва ғ. мебошад; дар натиҷаи меҳнати зиёди фикрӣ, камхобӣ, азоби рӯҳӣ ва м. инҳо пайдо мешавад. || Мқс. невроз, полиневрит.

**НЕВРИНО́МА**, [< *неври...* + is тор + *...ома*]. *тиб.* Омоси безарар, ки аз ҳуҷайраҳои пардаи асаб таркиб ёфтааст.

**НЕВРИ́Т**, [< лот., юн. neuron асаб, тор]. *тиб.* Илтиҳоби асаб; варами асабҳои канорӣ бо таъсири бемориҳои гузаранда, лат хӯрдани бадан, вайроншавии гардиши хун ва ғ. || Мқс. полиневрит, радикулит.

**НЕВРОБЛАСТО́МА**, [< *невро...* + blastos неш + *...ома*]. *тиб.* Омоси ганда, ки аз *ганглийҳои* асаб ва ҳуҷайраҳои диг. таркиб ёфтааст. || Мқс. ганглий (маънои 2).

**НЕВРОГЛИ́Я**, [< *невро...* + glia ширеш]. Ниг. *нейроглия.*

**НЕВРО́З**, [< лот., юн. neuron асаб, тор]. *тиб.* Бемории системаи асаб, ки дар натиҷаи ғаму андӯҳи зиёд, азоби рӯҳӣ, ҳаяҷону изтироб, баъзан бо таъсири бемориҳои сироятӣ пайдо мешавад. || Мқс. неврастения, психоз.

**НЕВРОЛЕ́ММА**, [< *невро...* + lemma пӯст]. *анат.* Пардаи торҳои асаб.

**НЕВРОЛО́ГИЯ**, [< *невро...* + *...логия*]. Асабшиносӣ; фасли анатомия ва тиб, ки сохт ва фаъолияти системаи асабро меомӯзад.

**НЕВРО́МА**, [< *невро...* + *...ома*]. *тиб.* **1**. Омосе, ки аз бофтаҳои асаб таркиб ёфтааст. **2.** Сабзида барқарор шудани бофтаҳои танаи асаб дар ҷои буриши он ҳангоми *ампутатсия.*

**НЕВРО́Н**, [< лот., юн. neuron асаб, тор]. Ниг. *нейрон.*

**НЕВРОПА́ТИЯ**, [< *невро...* + *...патия*]. *тиб.* **1**. Ихтилоли модарзодии ангезиши системаи *вегетативии* асаб (серҳаяҷонии модарзодӣ). **2**. Бемории асабҳои канорӣ дар натиҷаи бемориҳои дил, *диабет*, заҳролудшавӣ ва ғ.

**НЕВРОПАТОЛО́ГИЯ**, [< *невро...* + *патология*]. *тиб*. Соҳаи *неврология*, ки бемориҳои асаб, тарзу усулҳои пешгирӣ ва муоличаи онҳоро меомӯзад.

**НЕВРОТИЗА́ТСИЯ (НЕВРОТИЗА́ЦИЯ),** [< *невроз*]. *тиб*. **1**. Раванди пайдошавии *невроз*. **2**. Бо роҳи ҷарроҳӣ дӯхтани асаби зарардида.

**НЕВРОФИБРОМАТО́З**, [< *невро...* + fibra тор, нах + *...ома*]. *тиб*. Омосҳои сершумор дар торҳои асаби пӯст ва устухону ғадудҳо.

**НЕВРОТОМИ́Я**, [< *невро...* + tome буридан, чок кардан]. *тиб*. Бурида партофтани асаб.

**НЕГАТИ́В**, [< лот. negativus манфӣ]. **1**. Тасвири баръакс дар навор ё лавҳаи (*пластинкаи*) суратгирӣ (дар Н. ҷойҳои сафед сиёҳ ва ҷойҳои сиёҳ сафед менамоянд). **2**. Худи навор ё лавҳаи суратгирӣ, ки дар он расмҳо ҳамин гуна акс ёфтаанд. **3**. *маҷ*. Ҷиҳатҳои манфии ягон чиз.

**НЕГАТИВИ́ЗМ**, [< *негатив* + пасв. -*изм*]. *тиб*. Аксият; яке аз аломатҳои баъзе бемориҳои рӯҳӣ, ки ҳангоми он бемор якравии бемаънӣ нишон медиҳад, фармону хоҳишҳоро иҷро намекунад, ба саволҳо ҷавоб намедиҳад, худро муоина кардан намемонад, дору хӯрдан намехоҳад ё баръакси хоҳиши атрофиён кор мекунад.

**НЕГАТИВӢ**, [< *негатив*]. **1**. Мансуб ба *негатив* (маънои 1). **2**. Манфӣ.

**НЕГОТСИА́НТ (НЕГОЦИА́НТ),** [< *неготсия*]. *куҳна*. Бозургон; савдогари калон, ки бештар бо мамлакатҳои хориҷӣ хариду фурӯш мекунад.

**НЕГО́ТСИЯ (НЕГО́ЦИЯ),** [лот. negotium]. *куҳна*. Савдо, харидуфурӯш.

**НЕЙЗИ́ЛБЕР (НЕЙЗИ́ЛЬБЕР),** [ол. Neusilber]. Хӯлаи мис, никел ва руҳ, ки ба нуқра монанд буда, хеле сахт ва ба *коррозия* тобовар аст.

**НЕЙЛ**, [< англ. nail нохун]. Воҳиди дарозӣ дар системаи андозаҳои англисӣ, ки ба 2,25 *дюйм* ё 5,715 см баробар аст.

**НЕЙЛО́Н,** [англ. nylon]. Ниг. *найлон*.

**НЕЙР..., НЕЙРО...**, [< лот., юн. neuron асаб, раг, тор]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки бо системаи асаб робита доштани қисми дуюми калимаро ифода мекунад.

**НЕЙРИЛЕ́ММА**, [< *невро...* + lemma пӯст]. *анат*. Ниг. *невролемма*.

**НЕЙРИ́Т**, [< лот., юн. neuron асаб, тор]. *анат*. Шохаи *нейрон*, ки импулсҳои асабро аз танаи ҳуҷайраҳо ба узвҳо ё ҳуҷайраҳои дигари асаб мебарад.

**НЕЙРОАНАТО́МИЯ**, [< *нейро...* + *анатомия*]. Соҳаи *анатомия*, ки сохт ва фаъолияти системаи асабро меомӯзад.

**НЕЙРОГИНЕКОЛО́ГИЯ**, [< *нейро...* + *гинекология*]. Соҳаи илми тиб, ки робитаи байни бемориҳои занона ва системаи асабро тадқиқ мекунад.

**НЕЙРОГЛИ́Я**, [< *нейро...* + glia ширеш]. *анат.* Бофтаи системаи асаб, ки дар он ҳуҷайраҳои асаб (*нейронҳо*) бо шохаҳояшон воқеъ гаштаанд; такягоҳ, муҳофизатгар ва ғизодиҳандаи нейронҳо мебошад.

**НЕЙРОГОРМО́НҲО**, [< *нейро...* + *гормон*]. Моддаҳои фаъоли биологӣ (*адреналин, вазопрессин, окситотсин* ва ғ), ки фаъолияти узвҳои дарунӣ ва системаи марказии асабро танзим мекунанд.

**НЕЙРОДЕРМИ́Т**, [< *нейро...* + derma пӯст]. *тиб.* Беморrailи пӯст, ки дар натиҷаи асабоният ва изтироби сахти рӯҳӣ пайдо мешавад; бо хориш, ғафсу шахшӯл шудани пӯст, дамидани доначаҳо зоҳир мегардад. || Мқс. дерматит, дерматоз.

**НЕЙРОЛЕ́ПТИКҲО**, [< *нейро...* + lepton сабук]. *тиб.* Гурӯҳи доруҳое, ки системаи марказии асабро ором ва тарсу ваҳм, ташвишу изтироб, таваҳҳум, ҳазёнро бартараф менамоянд, таъсири доруҳои афюнӣ, хобовар ва бедардкунандаро бештар мегардонанд. || Мқс. релаксантҳо.

**НЕЙРО́Н**, [< лот., юн. neuron асаб, тор, раг]. *анат.* Ҳуҷайраи асаб, воҳиди асосии сохторию функсионалии системаи асаб; аз тана ва шохаҳо иборат аст; *импулсҳоро* аз *ретсепторҳо* ба системаи марказии асаб ва узвҳои диг. интиқол мекунад.

**НЕЙРОПЕПТИ́ДҲО**, [< *нейро...* + *пептид*]. Пайвастҳои фаъоли биологие, ки дар танзими мубодилаи моддаҳо иштирок намуда, ба масуният таъсири мусбат мерасонанд, қувваи ҳофиза, хоб ва фаъолияти фикриро беҳтар мекунанд.

**НЕ́ЙРОПЛЕ́ГИКҲО**, [< *нейро...* + plege фалаҷ]. *тиб.* Ниг. *нейролептикҳо.*

**НЕЙРОПСИХОЛО́ГИЯ**, [< *нейро...* + *психология*]. Соҳаи психология, ки фаъолияти рӯҳии инсонро дар алоқамандӣ бо фаъолияти системаи марказии асаб меомӯзад.

**НЕ́ЙРОФИБРИ́ЛЛА**, [< *нейро...* + *фибрилла*]. *анат.* Торҳои борики танаи ҳуҷайраи асаб ва шохаҳои он, ки дар интиқоли *импулсҳо* иштирок мекунанд.

**НЕ́ЙРОФИЗИОЛО́ГИЯ**, [< *нейро...* + *физиология*]. Фасли *физиология*, ки вазифаҳои системаи асабро меомӯзад.

**НЕ́ЙРОХИ́МИЯ**, [< *нейро...* + *химия*]. Фасли *биохимия*, илм дар бораи таркиби химиявии бофтаҳои асаб ва мубодилаи моддаҳо дар ин бофтаҳо.

**НЕ́ЙРОХИРУРГИ́Я**, [< *нейро...* + *хирургия*]. Асабҷарроҳӣ; соҳаи илми тиб, ки бемориҳои системаи асабро омӯхта, онҳоро бо роҳи ҷарроҳӣ муолиҷа мекунад.

**НЕЙРУ́ЛА**, [< лот., юн. neuron асаб, тор, раг]. *биол.* Зинаи инкишофи ҷанини одам ва ҳайвоноти хордадор, ки баъди *гаструла* меояд. || Мқс. бластула.

**НЕЙСТО́Н**, [< юн. neusteon шиновар]. *биол.* Организмҳое, ки ба пардаи қабати болоии об часпида, дар рӯи он ё дар зери он ҳаракат мекунанд; ба Н. содатаринҳо, обсабзҳои якҳуҷайрагӣ, баъзе гамбускҳо ва харчангҳо, нармбаданҳо ва ғ. мансубанд.

**НЕЙТРАЛИТЕ́Т**, [< лот. neutralis на ба ин дахл дорад, на ба он]. **1**. Бетарафӣ; дахолат накардан ба баҳс ё мубориза байни тарафҳо. **2**. Дар ҳуқуқи байналмилалӣ – ҳамроҳ нашудан ба ҷанг, дар давраи осоишта – иштирок накардан дар ягон муоҳада (*блок*).

**НЕЙТРАЛӢ́**, [< лот. neutralis на ба ин дахл дорад, на ба он]. **1**. Бетараф; дар баҳс ё мубориза ба тарафе ҳамроҳнашаванда; ба ҳама як хел муносибаткунанда. **2**. *физ*. Безаряд; на дорои заряди мусбат, на дорои заряди манфӣ. **3**. *хим*. На ишқорӣ ва на кислотагӣ (дар бораи маҳлулҳо).

**НЕЙТРИ́НО**, [ит. neutrino нейтронча]. *физ*. Зарраи элементарии собити безаряд аз оилаи *лептонҳо*, ки дар вақти *бета-таҷзияи* ядрои атомӣ ва таҷзияи зарраҳои элементарӣ пайдо мешавад.

**НЕЙТРО́Н**, [< лот. neutrum на ину на он]. *физ*. Зарраи элементарии безаряди электрӣ аз оилаи *барионҳо*, ки *спини* 1/2 дорад; якҷоя бо *протон* ба таркиби ядрои атом дохил мешавад. || Мқс. позитрон, электрон.

**НЕЙТРОФИ́ЛҲО**, [< нейтрон + ...*филҳо*]. *физиол*. Ниг. *микрофилҳо*.

**НЕКК**, [< анг. neck гардан]. Гардан (гулӯ)-и вулқон, ки аз тафта ва шикастапораҳои ҷинсҳои вулқонӣ иборат аст.

**НЕКРОБАКТЕРИО́З**, [< юн. nekros мурда + *бактерия*]. *байт*. Як навъ бемории бактериявии гавазн, гов ва бузу гӯсфанд – мурдани бофтаҳо дар қисмҳои даҳон, сум ва узвҳои таносул.

**НЕКРОБИО́З**, [< юн. nekros мурда + bios ҳаёт]. *физиол*. Тағйирёбии ҳуҷайра ё бофта пеш аз мурданашон; ҳангоми Н., бар хилофи *некроз*, ҳуҷайраҳо ё бофтаҳо мумкин аст ба ҳолати пештараашон баргарданд.

**НЕКРО́З**, [< юн. nekros мурда]. *физиол*. Мурдани бофтаҳо дар натиҷаи вайроншавии гардиши хун, сӯхтани бадан, сармозанӣ, лат хӯрдан ва ғ.

**НЕКРО́ЛОГ**, [< юн. nekros мурда + ...*лог*]. Таъзиянома; мақолача ба муносибати вафоти ягон шахс, ки дар бораи ҳаёту фаъолияти ӯ маълумот медиҳад.

**НЕКРО́ПОЛ (НЕКРО́ПОЛЬ),** [< юн. nekros мурда + polis шаҳр]. **1.** *куҳна***.** Қабристони умумӣ. **2**. Дахмаи бузургон; қабристоне, ки дар он одамони машҳур дафн шудаанд. || Мқс. пантеон.

**НЕКРОФА́ГҲО**, [< юн. nekros мурда + ...*фаг*]. *зоол*. Лошахӯрон; мурдахӯрон; ҳайвоноте, ки ғизояшон ҷасади ҳайвоноти мурда мебошад, мас., каргас, кафтор, шағол ва м. инҳо.

**НЕКРОФИЛИ́Я**, [< юн. nekros мурда + ...*филия*]. *тиб*. Навъи фосиқии ҷинсӣ – майли шаҳвонӣ ба ҷасади мурда.

**НЕКТА́Р**, [юн. nektar]. **1**. Дар асотири юнониёни қадим – оби ҳаёт, нӯшокии худоҳо, ки гӯё ба онҳо ҳаёти абадӣ ва зебоию ҷавонии ҷовидонӣ мебахшидааст. **2**. Шаҳд; шираи гул.

**НЕКТО́Н**, [< юн. nektos шиновар]. *зоол.* Номи умумии тамоми ҳайвонҳои обие, ки фаъолона шино мекунанд ва ба муқобили ҷараён ҳаракат карда метавонанд, мас., моҳиҳо, наҳангҳо, морҳои обӣ ва м. инҳо. || Мқс. нейстон, планктон.

**НЕМАТИСИ́ДҲО (НЕМАТИЦИ́ДҲО),** [< юн. *нематода* + caedo мекушам]. Доруҳои химиявӣ барои нест кардани зараррасонҳои боғу киштзор.

**НЕМАТО́ДАҲО**, [< юн. nema (nematos) ришта, ресмон]. *зоол.* Синфи кирмҳои лӯнда, ки танаи дарозрӯяи риштамонанд доранд; зиёда аз 20 ҳазор намуд; тақр. 7 ҳазор намудашон кирмҳои ангал буда, дар бадани растаниҳо, ҳайвонот ва одам зиндагӣ мекунанд, боқимондаашон – дар об ва хок; боиси бемориҳои *нематодӣ* мегарданд.

**НЕМАТОДО́ЗҲО**, [< *нематодаҳо*]. *тиб, байт.* Бемории одам ва ҳайвонот, ки кирмҳои лундаи ангал (*нематодаҳо*) бармеангезанд: *аскаридиоз, аскаридоз, трихинеллёз* ва ғ.

**НЕМАТОСИ́ТҲО (НЕМАТОЦИ́ТҲО),** [< *нематодаҳо* + *...ситҳо*]. Ҳуҷайраҳои *эпителияи* рӯдаковокҳо, ки вазифаи муҳофизатиро иҷро мекунанд.

**НЕМАТОФИТО́Н**, [< юн. *нематода* + phyton растанӣ]. *пал., бот.* Растаниҳои азими мунқариз, ки танаашон ба санг табдил ёфтааст.

**НЕМЕЗИ́ДА**, [юн. Nemesia]. **1**. Дар асотири юнониёни қадим – олиҳаи интиқом. **2**. *маҷ.* Қасос, интиқом, ниқор.

**НЕМЕРТИ́НҲО**, [юн. nemertes]. *зоол.* Синфи кирмҳои дарози (аз 80 см то 30 м) қаърибаҳрӣ; аксарияташон дарандаанд.

**НЕМЕСИ́ДА,** [юн. Nemesia]. Ниг. *немезида*.

**НЕ́НИЯ**, [юн. nenia]. *этн.* Одати баъзе халқҳо – сурудхонии пуралами хешу ақрабо ё навҳагарони кироя дар сари тобут.

**НЕО...**, [< юн. neos нав]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «нав», «навбаромад», мас., *неореализм, неофашизм*.

**НЕОА́НТРОПҲО,** [< *нео...* + anthropos одам]. *пал. антр*. Одамони нав; номи умумии аҷдоди мунқаризи одамони муосир, ки дар охири давраи *палеолит* зиндагӣ кардаанд, инчунин номи одамони имрӯза.

**НЕОГЕГЕЛИЯ́**, [< *нео...* + ол. Hegel]. *фалс*. Ҷараёни фалсафие, ки дар нимаи дуюми асри 19 дар ИМА ва Англия ба муқобили материализми табиию таърихӣ ва *позитивизм* барои ҳимояи дин ва фалсафаи мавҳум ба вуҷуд омадааст; баъдтар моҳияти зиддимарксистӣ гирифта, дар Россия, Олмон ва мамлакатҳои диг. паҳн шуд; пайравони он кӯшиш менамуданд, ки дар асоси таълимоти Г. Гегел кадом як ҷаҳонбинии томеро ба вуҷуд оранд.

**НЕОГЕ́Н**, [< *нео...* + genos пайдоиш]. Давраи дуюми *кайнозой*, ки такр. 25 млн сол давом кардааст; ба *миотсен* ва *плиотсен* ҷудо мешавад; аксари растаниҳо ва ҳайвоноти ширхӯри сумдор, хартумдор ва дарандаи имрӯза дар ҳамин давра пайдо шудаанд. || Мқс. антропоген, палеоген.

**НЕОГЕ́Я**, [< *нео...* + ge Замин]. *геогр.* Яке аз се минтақаи асосии зоогеографии хушкӣ, ки Амрикои Ҷанубӣ ва Марказиро дар бар мегирад.

**НЕОГЛОБАЛИ́ЗМ**, [< *нео...* + лот. globus кура]. *Глобализми* навбаромад; назарияи (*доктринаи*) сиёсие, ки солҳои 80-уми асри XX дар Амрико пайдо шудааст; тарафдорони он тамоми ҷаҳонро минтақаи манфиатҳои ҳаётии ИМА ҳисоб мекунанд.

**НЕОДАРВИНИ́ЗМ**, [< *нео...* + *дарвинизм*]. Неодарвиния; *дарвинизми* навбаромад; ниг. *вейсманизм*.

**НЕОДИ́М**, [< *нео...* + юн. diduma ҷуфт, дугона]. *хим.* Элементи химиявӣ аз оилаи *лантаноидҳо*; металли гурӯҳи III системаи даврӣ (Nd).

**НЕОИНДУИ́ЗМ**, [< *нео...* + *индуизм* (ҳиндуия)]. Навҳиндуия; ҷараёни ислоҳотхоҳӣ дар дини ҳиндуия, ки охири асри 19 бо таъсири фарҳанги исломӣ ва баъдтар англисӣ пайдо шуда, тадриҷан боиси воридшавии Ҳиндустон ба тамаддуни ҷаҳонӣ гардид; пайравони Н. яккахудоиро тарғиб ва динҳои дигарро эътироф менамуданд, ба миёнаравони байни одамон ва Худо (бараҳманҳо) муқобил мебаромаданд, интиқоли рӯҳ ва *кармаро* рад мекарданд, бо урфу одатҳои ваҳшиёна (худсӯзӣ, серзанӣ ва ғ.) мубориза мебурданд.

**НЕОЛИ́Т**, [< *нео...* + юн. lithos санг]. Давраи охирини асри санг (8 - 3 ҳазор сол пеш аз мелод); дар ин давра одамон ба зиндагии муқимӣ сар карданд, чорводорӣ, зироатпарварӣ, кулолгариро ёд гирифтанд.

**НЕОЛОГИ́ЗМ**, [< *нео...* + юн. logos калима, сухан + пасв. *-изм*]. *збш.* Калима ё ибораи нав, маънои нави калимаи куҳна; баръакси *архаизм*.

**НЕОЛО́ГИЯ**, [< *нео...* + юн. logos калима, сухан]. *збш.* Соҳаи забоншиносӣ, ки калимаҳои нав (*неологизмҳо*)-ро меомӯзад.

**НЕО́Н**, [< юн. neos нав, ҷавон]. **1**. *хим.* Элементи химиявӣ, гази берангу бебӯи *инертии* гурӯҳи VIII системаи даврӣ (Ne); дар чароғҳои рекламавӣ, найчаҳои рӯшноидиҳанда ва ғ. истифода мешавад. **2**. *зоол.* Ҷинси моҳии хурди *аквариумӣ* аз гурӯҳи капурҳо.

**НЕ́ОНАТАЛО́ГИЯ**, [< юн. neos нав, ҷавон + лот. natalis мансуб ба таваллуд + *...логия*]. *тиб.* Фасли тиб, ки хусусиятҳои организми кӯдакони навзод ва усулҳои таъмини саломатии онҳоро тадқиқ мекунад.

**НЕОНТОЛО́ГИЯ**, [< *нео...* + *онтология*]. *биол.* Маҷмуи илмҳои биологӣ, ки олами органикии муосирро меомӯзад. || Мқс. палеонтология.

**НЕОПИФАГОРЕЙЗМ**, [< *нео... + пифагореизм*]. *фалс.* Навпифагория; ҷараёни тасаввуфии фалсафаи Юнон дар асрҳои I то мелод – III солшумории мо, ки бо таъсири ғояҳои Афлотун инкишоф ёфта, яке аз манбаъҳои навафлотуния ва *гноститсизм* гардид.

**НЕОПЛАЗИЯ́**, [< юн. neos нав, ҷавон + plasis варам]. *физиол.* Омос (инчунин ниг. *бластома*).

**НЕОПЛАТОНИ́ЗМ**, [< *нео... + платонизм*]. *фалс.* Навафлотуния; ҷараёни фалсафие, ки дар асри 3 дар империяи Рим пайдо шуда, таълимоти Афлотун, фалсафаи Арасту, ғояҳои навпифагория ва тасаввуфи Шарқро муттаҳид мекард.

**НЕОПОЗИТИВИ́ЗМ**, [< *нео... + позитивизм*]. *фалс.* Позитивизми навбаромад; яке аз ҷараёнҳои асосии фалсафаи асри XX, шакли имрӯзаи *позитивизм* (ниг. позитивизм), ки асосан дар ИМА ва Англия дар заминаи *эмпиризм* ва *феноменализм* паҳн шудааст; Н. мазмуни объективии назарияҳои илмӣ, яъне ҳақиқати объективиро инкор мекунад.

**НЕОРЕАЛИ́ЗМ,** [< *нео... + реализм*]. **1**. *фалс.* Яке аз ҷараёнҳои фалсафаи имрӯзаи англисӣ-амрикоӣ, ки идеализми субъективию объективиро танқид намуда, ақидаи ба субъект вобаста набудани мавҷудияти объектро пешниҳод мекунад. **2**. *санъ.* Яке аз ҷараёнҳои кинои Италия баъди ҷанги дуюми ҷаҳон, ки дар филмҳои он ҳаёти камбағалон ба таври реалистӣ ва бо далелҳои ҳуҷҷатӣ тасвир карда мешуд.

**НЕОРОМАНТИ́ЗМ,** [< *нео... + романтизм*]. Номи умумии ҷараёнҳои гуногун (*постимпрессионизм, символизм* ва ғ.) дар адабиёт ва фарҳанги Аврупои асрҳои 19 – 20, ки чун вокуниш ба *позитивизм* дар фалсафа ва *натурализм* дар санъат пайдо шудаанд.

**НЕОСХОЛА́СТИКА**, [< *нео... + схоластика*]. *фалс.* Номи умумии ҷараёнҳои гуногуни фалсафаи католикӣ, ки барқарор намудани *схоластикаи* асримиёнагиро талаб мекунанд (ниг. *схоластика*).

**НЕОТЕКТО́НИКА**, [< *нео... + тектоника*]. *геол.* Тектоникаи нав; навтектоника; фасли *тектоника*, ки равандҳои тектоникии дар давраи *кайнозой* рӯйдодаро меомӯзад.

**НЕОТЕНИЯ́**, [< юн. neos нав, ҷавон + teino кашол медиҳам]. *биол.* Қобилияти ба балоғат расидан ва афзоиш ёфтани баъзе организмҳо дар давраи аввали инкишофи худ; ба баъзе буғумпойҳо, кирмҳо, ушнаҳо ва ғ. хос мебошад.

**НЕОТОМИ́ЗМ**, [< *нео...* + номи фақеҳи насронӣ Фома (Thomas) Аквинский]. *фалс.* Мактаби фалсафии калисои католикӣ, ки ба таълимоти Ф. Аквинский такя мекунад (таълимоти Ф. Аквинскийро с. 1879 Папаи Рим ягона фалсафаи дуруст эълон карда буд).

**НЕОФАШИ́ЗМ**, [< *нео... + фашизм*]. Фашизми навбаромад; мафҳуме, ки ҳаракати иртиҷоии муосирро ифода мекунад; аз ҷиҳати сиёсӣ ва ғоявӣ ворисон ва давомдиҳандагони кори ташкилотҳои фашистие мебошанд ки баъди ҷанги дуюми ҷаҳон пароканда шуда буданд.

**НЕОФИ́Т**, [< юн. neos нав, ҷавон + phyton растанӣ, навда]. Навпайрав; пайрав ва ҷонибдори нави ягон дин, мазҳаб, таълимот, ҳаракати ҷамъиятӣ ва ғ.

**НЕОФРЕЙДИ́ЗМ**, [< *нео...* + *фрейдизм*]. *психол.* Равияе дар психология ва фалсафаи муосир, ки таҳлили психологӣ (*психоанализ*)-ро бо назарияҳои сотсиологӣ ва этнографии амрикоӣ муттаҳид менамояд; Н. меъёрҳои рӯҳиро воситаи ба муҳити иҷтимоӣ мутобиқ шудани шахс дониста, вайроншавии ягонагии иҷтимоиро ҳамчун як чизи ғайритабиӣ маънидод мекунад ва, бар хилофи *биологизми* З. Фрейд, нақши муҳити иҷтимоиро дар ташаккули шахсият бузург мешуморад.

**НЕПЕ́НТЕС**, [лот. Nepenthes]. *бот.* Ҷинси растаниҳои ҳашаротхӯр аз оилаи кӯзабаргҳо.

**НЕ́ПЕР**, [аз номи олими шотландӣ Ҷ. Непер (1550 - 1617)]. *мат., физ.* Воҳиди бузургии нисбии логарифмӣ, ки ба *логарифми* натуралии нисбати ду бузургии физикии ҳамном (шиддат, қувваи ҷараён ва м. инҳо) баробар аст.

**НЕПОТИ́ЗМ**, [< лот. nepos набера, ҷиян]. **1**. Мансабҳои сердаромад, унвонҳои олӣ, мулк ва ғ.-ро ба хешу ақрабо тақсим карда додани папаҳои Рим бо мақсади мустаҳкам намудани ҳокимияти худ. **2**. *маҷ.* Ошнобозӣ; тағобозӣ; пуштибонии хешу табор бо истифода аз вазифа. || Мқс. протексионизм.

**НЕПТУ́Н**, [лот. Neptunus]. **1**. Худои обу ва баҳрҳо дар асотири римиёни қадим. **2**. *астр.* Сайёраи ҳаштуми системаи офтобӣ, ки с. 1846 кашф шудааст; аз Замин такр. 4 маротиба калонтар аст, 6 радиф дорад, атмосфераааш аз *метан, гидроген, гелий* иборат аст.

**НЕПТУНИ́ЗМ**, [лот. Neptunus + пасв. -*изм*]. *геол.* Таълимоте, ки охири асри 18 – аввали асри 19 дар илми геология ҳукмфармо буд; мувофиқи ин таълимот, гӯё тамоми ҷинсҳои кӯҳӣ дар муҳити об (нахустуқёнус) бо роҳи таҳшиншавӣ ва кристаллбандӣ пайдо шудаанд.

**НЕПТУ́НИЙ**, [< лот. Neptunus]. Элементи химиявии радиоактивӣ, металли нукратоб аз гурӯҳи III системаи даврӣ (Np).

**НЕРВ**, [лот. nervus]. Асаб; тор (раг)-и асаб, ки мағзро бо узвҳо ва бофтаҳои дигари бадан пайваст намуда, онҳоро ангезиш медиҳад.

**НЕРВА́ТСИЯ (НЕРВА́ЦИЯ)**, [< лот. nervus раг, тор]. *бот.* Ҷойгиршавии рагчаҳо дар рӯи баргҳо, гулбаргҳо ва меваҳои растанӣ.

**НЕРВИ́ЗМ**, [< лот. nervus асаб]. Равияе дар физиология, ки нақши системаи марказии асабро дар танзими ҳамаи функсияю равандҳои физиологии организми одам ва ҳайвонот бузург медонист; ин мафҳумро физиологи машҳури рус Иван Павлов ба илм ворид кардааст.

**НЕРВЮ́РА**, [фр. nervure < лот. nervus раг, тор]. **1**. *тех.* Қисми боли ҳавопаймо. **2**. *меъм.* Равоқе, ки аз сангҳои фонашакл сохта шудааст.

**НЕРЕЙ́ДА**, [юн. Nereis]. **1**. Дар асотири юнониёни қадим – парии обӣ, духтари Нерей – пири баҳр. **2**. *астр*. Радифи сайёраи Нептун, ки қутраш 200 км аст.

**НЕ́РКА**, [лот. nerka]. *зоол*. Ҷинси моҳии сурх аз оилаи озодмоҳиҳо.

**НЕ́РПА**, [фин. norppa]. *зоол*. Ҳайвони ширхӯри белпо аз оилаи *тюленҳо*, инчунин пӯсти он.

**НЕСЕССЕ́Р**, [< фр. necessaire зарурӣ, даркорӣ]. Ҷаъба (*шкатулка*), қуттича ё ҷомадончаи махсус барои нигоҳ доштани ҳар гуна чизҳои майда-чуйда (мас., сӯзан, ришта, оинача, шона ва м. инҳо).

**НЕТ-АРТ**, [англ. net art < net шабака + art санъат]. Ниг. *интернет-арт*.

**НЕТБУ́К,** [англ. netbook < net шабака + book дафтарчаи хотира]. *инф*. Як навъ *ноутбуки* хурд, ки барои даромадан ба *интернет* ва кор бо ҳуҷҷатҳо таъйин шудааст.

**НЕТВО□РКИНГ** [англ. networking < net шабака + work кор кардан]. Фаъолияти иҷтимоӣ ва касбиии шахсе, ки бо ёрии дӯстону наздикони худ кору вазифаҳои мураккабтаринро зуд иҷро менамояд; корчаллонӣ бо ёрии алоқаҳои дӯстона.

**НЕТИКЕ́Т**, [англ. netiquette < net шабака + etiquette этикет, одоб]. Қоидаҳои рафтору муошират дар шабакаи компюторӣ.

**НЕ́ТТО**, [ит. netto тоза]. **1**. Вазни холис; вазни мол бе зарф (қуттӣ, халта, чалак ва ғ.); баръакси *брутто*. **2**. Даромади соф (баъди ҳисоб карда баровардани нархи хароҷот); баръакси *брутто*.

**НЕ́ТЭТИКЕТ**, [< англ. net шабака + *этикет*]. *инф*. Қоидаҳои рафтор дар шабакаи компютерӣ, мас., дар Интернет.

**НЕФ**, [< лот. navis киштӣ]. *меъм*. Як қисми *базилика*; хонаи дарози росткунҷае, ки дар як ё ду тарафаш сутунҳо (*нефҳо*) дорад.

**НЕФЕЛИ́Н,** [< юн. nephele абр]. *маъд*. Минерал, *алюмосиликати* натрий ва калий, ки аз он алюминий ҳосил мекунанд.

**НЕФЕЛО́МЕТР**, [< юн. nephele абр + ...*метр*]. Асбоби оптикӣ барои чен кардани ғализии моддаҳои ҳал кардашуда, ғафсии туман ва ғ.

**НЕФОСКО́П**, [< юн. nephele абр + ...*скоп*]. Асбоб барои муайян кардани суръат ва самти ҳаракати абрҳо.

**НЕФРИ́ДИЯҲО**, [< юн. nephros гурда]. *зоол*. Узвҳои тарашшуҳи ҳайвоноти бемуҳра.

**НЕФРИ́Т¹**, [< юн. nephros гурда]. *тиб*. Варами гурда. || Мқс. нефроз, пиелонефрит.

**НЕФРИ́Т²**, [< юн. nephros гурда]. *маъд*. Минерал аз гурӯҳи *амфиболҳо*; санги ниҳоят сахти мармармонанд; аз Н. муҷассама, асбоби ороиши занон, зарфҳои гуногун ва

ғ. месозанд; дар замони қадим чунин мепиндоштанд, ки Н. ба дарди гурда давост ва номаш аз ҳамин ҷост.

**НЕФРО́З**, [< юн. nephros гурда]. *тиб.* Иллати *капиллярҳои* гурда; дар натиҷаи бемориҳои сироятӣ, *нефрит*, диабети қанд, заҳролудшавӣ ва диг. бемориҳои музмин пайдо мешавад.

**НЕФРОЛИТИА́З,** [< юн. nephros гурда + *...лит*]. *тиб.* Бемории санги гурда.

**НЕФРОЛО́ГИЯ,** [< юн. nephros гурда + *...логия*]. *тиб.* Гурдашиносӣ; фасли тиб, ки сохт, фаъолият ва бемориҳои гурда, инчунин тарзу усулҳои пешгирӣ ва табобати ин бемориҳоро меомӯзад. || Мқс. урология.

**НЕФРО́Н**, [< юн. nephros гурда]. *физиол.* Унсури асосии сохторӣ ва функсионалии гурдаи ҳайвоноти сутунмуҳрадор ва одам.

**НЕФРОПА́ТИЯ**, [< юн. nephros гурда + pathos дард, беморӣ]. *тиб.* Бемории занҳои ҳомила, ки бо тағйир ёфтани кори гурда ва рагҳо, баландшавии фишори хун, пайдошавии сафеда дар хун ва ғ. зоҳир мегардад.

**НЕФРОПТО́З**, [< юн. nephros гурда + ptosis фуромадан]. *тиб.* Поён фуромадани гурда.

**НЕФРОСКЛЕРО́З**, [< юн. nephros гурда + sklerosis сахт шудан]. *тиб.* Ғафсу бурма шудани гурда дар натиҷаи калон шудани бофтаҳои пайвасткунандаи он.

**НИВА́ТСИЯ (НИВА́ЦИЯ)**, [< лот. nix (nivis) барф]. *геол. Эрозияи* барфӣ; таркиби ҷинсҳои кӯҳиро вайрон кардани қабати барф.

**НИВЕЛИ́Р**, [фр. niveler]. *тиб. геод.* Тароза; асбоби геодезӣ барои муайян кардани пастию баландии сатҳи замин.

**НИ́ГГЕР**, [англ nigger < исп. negro < лот. niger]. Номи таҳқиромези шахси сиёҳпӯст дар мамлакатҳои англисизабон; зангӣ.

**НИГИЛИ́ЗМ**, [< лот. nihil ҳеҷ, ҳеҷ чиз]. **1**. Шаккокия; пурра инкор намудани ҳама чизи аз тарафи умум эътирофшуда, мас., идеалҳо, анъанаҳо, меъёрҳои ахлоқӣ, шаклҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва ғ. || Мқс. скептисизм. **2**. *таър.* Ҷараёни пешқадам дар афкори ҷамъиятии Россияи с.-ҳои 60 асри 19, ки пояҳои сохти ҷамъияти дворянӣ ва крепостнойчигиро инкор менамуд.

**НИГИЛИ́СТ**, [< *нигилизм*]. **1**. Пайрави *нигилизм*; **2**. Шаккок.

**НИГРИ́Н**, [< лот. niger сиёҳ]. *маъд.* Минерали *рутил*, ки асосан аз *диоксиди титан* иборат аст.

**НИГРОЗИ́Н**, [< лот. niger сиёҳ]. Ранги сиёҳ, сиёҳӣ барои ранг кардани пластмасса, матоъ, чарм, мӯина ва ғ.

**НИГРО́Л**, [< лот. niger сиёҳ]. *хим.* Равғани полудашудаи *гудрон*; барои молидан ба қисмҳои мошину механизмҳое, ки дар муҳити ҳарораташ паст кор мекунанд, истифода мешавад.

**НИГРОСПОРО́З,** [< лот. niger сиёҳ + юн. spora тухм]. *кшв.* Бемории ҷуворимакка ва пахта, ки ҳангоми он дар рӯи сӯта ва кӯрак холҳои сиёҳ пайдо мешаванд.

**НИЕ́ЛЛО**, [< ит. niello сиёҳӣ]. Расми ҳаккокишудаи рӯи тилло, ки бо сиёҳӣ (хӯлаи сиёҳи нуқра, мис, кибрит ва ғ.) пур карда шудааст.

**НИ́КА**, [юн. Nike]. **1**. Дар асотири юнониёни қадим – олиҳаи ғалаба дар муҳориба ва мусобиқаҳо; дар шакли зани қанотдори аробасавор, ки дар даст чанбари ғор (*лавр*) дорад, тасвир карда мешавад. || Мқс. Виктория. **2**. Муҷассамачае, ки ба ғолибони баъзе озмунҳои мусиқӣ, театрӣ ва фестивалҳо ҳамчун мукофот дода мешавад.

**НИКАТО́Р**, [юн. Nikator Ғалаба, Зафар]. Унвони ҳокимони давраи *эллинизм*.

**НИ́КЕ**, [юн. Nike]. Ниг. *Ника*.

**НИКЕЛ (НИКЕЛЬ),** [лот. Niccolum]. Элементи химиявӣ, металли сафеди нуқратоби гурӯҳи VIII системаи даврӣ (Ni); ба коррозия тобовар аст.

**НИКОТИ́Н**, [фр nicotine аз номи дипломати фаронсавӣ Нико, ки с. 1560 тамокуро аввалин бор ба Фаронса оварда буд]. *Алкалоид*, ки дар баргу тухми тамоку ва баъзе растаниҳои диг. вуҷуд дорад; миқдори камаш системаи асаброангезиш дода, кайф меорад, миқдори зиёдаш боиси фалаҷи системаи асаб, нафастангӣ ва заъфи дил мегардад.

**НИКОТИНИ́ЗМ**, [< *никотин*]. Заҳролудшавии тамокукашҳои ашаддӣ аз *никотин*; бо сулфаи балғамдор, дарди сар, фишори баланд, асабоният ва ғ. зоҳир мегардад.

**НИ́КСА**, [ол. Nixen]. Парии обӣ дар асотири олмониёни қадим.

**НИКТИНА́СТИЯ**, [< юр. niktos шаб + *настия*]. *бот.* Ҳаракати барг, навда ва диг. узвҳои растанӣ ҷавобан ба ивазшавии шабу рӯз, мас., рӯз шукуфтану шаб ғунча шудани гули шому саҳар. || Мқс. настия.

**НИКТОФО́БИЯ**, [< юр. niktos шаб + *...фобия*]. Торикитарсӣ; тарс аз торикӣ.

**НИКТУРИ́Я**, [< юн. niktos шаб + uron пешоб]. *тиб.* Шабмезӣ; ҳангоми хоб дошта натавонистани пешоб; бештар дар натиҷаи бемориҳои гурда ё иллатҳои дил рӯй медиҳад.

**НИЛ**, [юн. қад.]. Дар асотири юнониёни қадим – худои дарёи Нил, писари Океанида ва Тефида; яке аз подшоҳони аввалини Миср ва бунёдгузори системаи обёрӣ дониста мешавад.

**НИЛСБО́РИЙ (НИЛЬСБО́РИЙ),** [лот. Nielsbohrium]. *хим.* Металли радиоактивии гурӯҳи V системаи даврӣ (Ns), ки ба таври сунъӣ ҳосил карда мешавад; ба номи физики даниягӣ Нилс Бор (1885 -–1962) гузошта шудааст.

**НИМБ**, [лот. nimbus абр]. Ҳола; нури доирашакли гирди сари қудсиён; бештар дар *иконаҳо* ва суратҳои девори калисо тасвир карда мешавад.

**НИ́МФА,** [юн. nymphe]. **1**. Парӣ; дар асотири юнониёни қадим – олиҳае, ки ин ё он қувваи табиатро таҷассум мекунад; Н.-ҳо духтарони Зевс дониста мешаванд. **2**. *зоол*. Зочаи ҳашарот.

**НИМФАЛИ́ДҲО**, [< юн. nymphe парӣ + alidus дигар, монанд]. *зоол*. Оилаи шабпарак (шапалак)-ҳое, ки рӯзона парвоз мекунанд; рӯзпаракҳо.

**НИМФЕ́Й**, [< юн. nymphe парӣ]. *меъм*. Дар меъмории аҳди атиқа – маъбади париҳо (*нимфаҳо*), ки аз тоқчаҳо, меҳробҳо, муҷассамаҳо ва фаввораҳо иборат аст.

**НИМФЕ́Я**, [юн. nymphaia < *нимфа*]. *бот*. Нилуфари обӣ; савсани обӣ.

**НИМФОМА́НИЯ**, [< юн. nymphe ҷавонзан + mania майли сахт]. *тиб*. Пуршаҳватии зан; майли шаҳвонии аз ҳад зиёди зан ба ҷинси мард, ки як навъ беморӣ дониста мешавад.

**НИ́НДЗЯ**, [яп.]. Дар Японияи асрҳои миёна – интиқомгирандагони халқӣ, ки бо самурайҳо мубориза мебурданд.

**НИОБА́ТҲО,** [< *ниобий*]. *хим*. Намакҳои кислотаи *ниобий*.

**НИО́БИЙ**, [лот. Niobium]. Элементи химиявӣ, металли сафеди хокистарранги гурӯҳи V системаи даврӣ (Nb); душворгудоз, сахт ва гармибардор аст; аз Н. қисмҳои ракета, муҳаррикҳои реактивӣ, рӯйкаши реакторҳои ядроӣ ва м. инҳо тайёр мекунанд.

**НИ́ППЕЛ (НИ́ППЕЛЬ),** [< англ. nipple пистон]. **1**. *тех*. Найчаи пайвасткунандаи нӯгҳояш печокдор. || Мқс. мундштук, муфта. **2**. Найчаи металлии камераи велосипед, мототсикл ва ғ., ки дар нӯгаш печок ва резин дорад ва ин резин ҳангоми дам кардани камера ба пас гашта баромадани ҳаво монеъ мешавад.

**НИРВА́НА**, [санск.]. Дар дини буддоия – ҳолати масъудияти олӣ, даст кашидан аз тамоми ғаму тавишҳои зиндагӣ, як шудан бо Худо, расидан ба ҳақ.

**НИСТА́ГМ**, [< юн. nystagmos пинак]. *тиб*. Беихтиёр ва зуд-зуд ҳаракат кардани ғӯзаи чашм аз як тараф ба тарафи дигар ё аз боло ба поён (баъзан давр задани он) ҳангоми баъзе бемориҳои системаи марказии асаб ё гӯши миёна.

**НИТ**, [лот. niteo медурахшам]. Воҳиди дурахшонӣ дар системаи байналмилалии воҳидҳо (СИ).

**НИТИНО́Л,** [< *никел* + *титан*]. Хӯлаи титан (55%) бо никел (45%), ки ба *коррозия* ва *эрозия* хеле тобвар мебошад.

**НИТР…,** [лот. nitrogenium < юн. nitron *содаи* табиӣ; *селитра*]. Қисми аввали калима, ки бо нитроген (*азот*) робита доштани қисми дуюми калимаро ифода мекунад, мас., *нитроглитсерин*.

**НИТРА́ТҲО,** [< юн. nitron *содаи* табиӣ; *селитра*]. *хим*. Намакҳои кислотаи *азот* (*нитроген*), ки дар истеҳсоли нурӣ, маводи тарканда ва ғ. истифода мешаванд.

**НИТРИ́ДҲО**, [< юн. nitron *содаи* табиӣ; *селитра* + eidos намуд]. *хим*. Пайвастҳои азот бо элементҳои дигар.

**НИТРИ́ЛҲО**, [< юн. nitron *содаи* табиӣ; *селитра*]. *хим*. Синфи пайвастҳои органикие, ки дар таркибашон як ё якчанд *радикали* ноустувори органикӣ (*сианогурӯҳ*) доранд; дар истеҳсоли наххои химиявӣ, пластмасса, *каучуки* сунъӣ ва ғ. истифода мешаванд.

**НИТРИ́ТҲО**, [< юн. nitron *содаи* табиӣ; *селитра*]. *хим*. Намакҳои кислотаи *азот* (*нитроген*), ки дар саноати рангбарорӣ, хӯрокворӣ, тиб ва ғ. истифода мешаванд. || Мқс. нитратҳо, селитра.

**НИТРИФИКА́ТСИЯ (НИТРИФИКА́ЦИЯ),** [< юн. nitron *содаи* табиӣ; *селитра* + *...фикатсия*]. *хим*. Раванди биохимиявии ба намакҳои кислотаи *азот* табдил додани *аммиак* ва намакҳои *аммоний* бо ёрии бактерияҳо.

**НИТРО...,** [лот. nitrogenium < юн. nitron *содаи* табиӣ; *селитра*]. Ниг. *нитр...*

**НИТРОАММОФО́С, НИТРОАММОФО́СКА,** [< *нитро...* + *аммоний* + *фосфор*]. *хим*., *кшв*. Нурии мураккаби минералие, ки аз *азот, калий* ва *фосфор* иборат аст.

**НИТРОБЕНЗО́Л**, [< *нитро...* + *бензол*]. *хим*. Моддаи органикии равғанин, ки дар истеҳсоли *анилин, бензидин*, ранг ва ғ. истифода мешавад.

**НИТРОГЕН**, [лот. nitrogenium < юн. nitron *содаи* табиӣ; *селитра*]. *хим*. Элементи химиявӣ; ниг. *азот*.

**НИТРОГЛИТСЕРИ́Н (НИТРОГЛИЦЕРИ́Н)**, [< *нитро...* + *глитсерин*]. **1**. Пайвасти органикӣ, моддаи равғанини заҳрнок ва тарканда, ки аз омехтаи кислотаҳои азоту *сулфур* ва *глитсерин* ҳосил карда мешавад; дар истеҳсоли моддаҳои тарканда ва борути бедуд истифода мебаранд. || Мқс. аммонал. **2**. *тиб*. Доруи табобатии ҳабшакл, ки аз ҳамин пайвасти органикӣ тайёр карда мешавад; ҳангоми хуруҷи *стенокардия* ба зери забон мепартоянд; дар шакли маҳлул ҳам вуҷуд дорад.

**НИТРОЛО́К**, [< *нитро...* + *лок*]. Локе, ки асоси онро коллоксилин (навъи нитрати *селлюлоза*) ташкил медиҳад; барои рӯйкаш кардани чӯб, металл ва ғ. истифода мебаранд.

**НИТРОФИ́ЛҲО**, [< *нитро...* + *...фил*]. *бот*. Растаниҳое, ки хокҳои сернитратро дӯст медоранд, аз қабили газна, малина, зағир, гандум ва ғ.

**НИТРОФО́С,** [< *нитро...* + *фосфор*]. *хим*., *кшв*. Нурии мураккаби минералие, ки аз *азот* ва *фосфор* иборат аст.

**НИХРО́М**, [< *никел* + *хром*]. Хӯлаи никел бо хром, ки ба оташ хеле тобовар аст; дар печҳои электрикӣ истифода мешавад.

**НОБЕЛӢ**, [шв. Nobel]. Мукофоти нобелӣ – мукофоти байналмилалие, ки ба номи асосгузори он – муҳандис ва химики швед Алфред Нобел (1833 – 1896) гузошта шудааст; аз с. 1901 инҷониб ҳар сол барои корҳои илмии бунёдӣ ва тадқиқоту кашфиёти бузург дар соҳаҳои физика, химия, тиб, физиология, иқтисод, барои асарҳои пурарзиши бадеӣ ва фаъолият дар таҳкими сулҳ супурда мешавад.

**НОБЕ́ЛИЙ,** [лот. Nobelium < Nobel]. *хим.* Металли радиоактивии гурӯҳи III системаи даврӣ (No) аз оилаи *актиноидҳо*; ба номи олими швед Алфред Нобел (1833 – 1896) гузошта шудааст.

**НО́БИЛҲО**, [< лот. nobilis асилзодагон]. Дар Рими Қадим ва Италияи асрҳои миёна – аъёну ашроф; асилзодагон; намояндагони табақаҳои олитабор, ки ба мансабҳои баланди давлатӣ дастрасӣ доштанд.

**НОВА́ТСИЯ (НОВА́ЦИЯ)**, [< лот. novatio нав кардан]. **1**. Ҳар чизи нав; навигарӣ, навоварӣ. ‖ Мқс. инноватсия. **2**. *ҳуқ*. Бо созиши тарафҳо иваз намудани ягон уҳдадорӣ бо уҳдадории нав.

**НОВЕ́ЛЛА**, [ит. novella < лот. novellus нав]. **1**. *адш*. Ҳикоя, қисса, повести на чандон калон. **2**. *ҳуқ*. Иловаи нав ба қонун, оиннома ва ғ.

**НОВЕЛЕ́ТТА**, [< *новелла*]. *мус*. Пйесаи созии на чандон калони лирикӣ ё драмавӣ.

**НОВЕЛИ́СТ**, [< *новелла*]. Новелланавис; муаллифи *новелла*.

**НОВОКАИ́Н**, [< лот. novus нав + *(ко)каин*]. *тиб*. Доруи табобатӣ барои карахт ва бедард кардани ягон қисми бадан, узв; аз ҷиҳати таркиби химиявиаш ба кокаин наздик аст.

**НОЗОАРЕА́Л**, [< юн. nosos беморӣ + *ареал*]. Минтақаи паҳншавии беморӣ ё гурӯҳи бемориҳо.

**НОЗОГЕОГРА́ФИЯ**, [< юн. nosos беморӣ + *география*]. Илм дар бораи қонуниятҳои паҳншавии бемориҳои алоҳидаи одам ва ҳайвонот дар минтақаҳои гуногуни географӣ. ‖ Мқс. нозоареал.

**НОЗОГРА́ФИЯ**, [< юн. nosos беморӣ + ...*графия*]. *тиб*. Тавсифи бемориҳо.

**НОЗОЛО́ГИЯ**, [< юн. nosos беморӣ + ...*логия*]. *тиб*. Фасли *патология*, ки моҳият ва ҷараёни бемориҳоро меомӯзад ва онҳоро аз рӯи аломатҳои ҳамшабеҳашон тасниф мекунад.

**НОКА́УТ**, [англ. knock-out < to knock зарба задан + out берун аз...]. *варз*. Дар бокс – ҳолатест, ки варзишгар баъди зарбаи ҳариф аз пой афтода, дар давоми даҳ сония ба по намехезад ва бозиро давом дода наметавонад. ‖ Мқс. нокдаун.

**НОКДА́УН**, [англ. knock- down < to knock зарба задан + down поён]. *варз*. Дар бокс – ҳолатест, ки варзишгар баъди зарбаи ҳариф аз пой меафтад, вале дар давоми даҳ сония ба по мехезад ва бозиро давом медиҳад.

**НОКТАМБУЛИ́ЗМ**, [< лот. nox (noctis) шаб + ambulare сайр кардан]. *тиб*. Ниг. *лунатизм*, *сомнамбулизм*.

**НОКТЮ́РН**, [фр. nocturne шабона]. **1**. *мус*. Асари мусиқии созӣ барои асбобҳои нафасӣ, ки бештар шабона дар ҳавои кушод иҷро карда мешавад. **2**. *мус*. Пйесаи созии лирикии на чандон калон. **3**. *адш*. Асари бадеие, ки шаб, воқеаҳои шабона, кайфияту ҳаловати шабонаро тасвир мекунад.

**НОЛ (НОЛЬ)**, [< лот. nullus ҳеҷ чиз]. Сифр; аломати рақам, ки бо «0» ифода карда мешавад.

**НОМ[1],** [юн. nomos]. **1**. *таър*. Номи юнонии воҳиди асосии маъмурии Мисри Қадим. **2**. Воҳиди асосии маъмурию ҳудудӣ дар Юнони имрӯза. || Мқс. губерния, округ, префектура, район.

**НОМ[2],** [юн. nomos]. Суруд ба шарафи *Аполлон* дар Юнони Қадим.

**НО́МА,** [< юн. nome пахн шудани захм]. *тиб*. Таромос; саратони обӣ; *гангренаи* обдор; пӯсидани бофтаҳои нарми рӯй (асосан рӯйи кӯдакони заифу лоғар) баъди бемориҳои вазнини сироятӣ. || Мқс. гангоза.

**НОМА́ДҲО**, [юн. nomas (nomadas)]. Кӯчманчиёни қадим; чорводорони кӯчӣ.

**НОМЕНКЛА́ТОР**, [лот. nomenclator]. Дар Рими Қадим – ғуломе ки вазифаи ӯ чунин буд: донистан ва ба хӯҷаини худ эълон кардани номи аъёну ашрофе, ки ба меҳмонӣ омадаанд, инчунин эълон кардани номи таомҳое, ки ба дастурхон гузошта мешаванд.

**НОМЕНКЛАТУ́РА**, [лот. nomenclatura]. **1**. Феҳристи ном ё истилоҳоти ягон соҳа. **2**. Доираи шахсони мансабдоре, ки фақат аз тарафи ташкилоти болоӣ ба вазифа таъйин карда мешаванд.

**НО́МЕР**, [< лот. numerus рақам]. **1**. Рақами тартибии баъзе чизҳо, мас., Н.-и пул, чипта, автомобил. **2**. Ҳуҷраи алоҳида дар меҳмонхона, ҳаммом ва ғ. **3**. Андозаи либос, пойафзол ва ғ. **4**. Қисми консерт, намоиш, ки алоҳида иҷро карда мешавад.

**НОМИНА́Л**, [< лот. nominalis ном, номӣ]. Қимати муқарраршуда, ки дар рӯи пул, коғазҳои қиматнок, заём ва ғ. навишта шудааст, инчунин нархи дар рӯи мол нишондодашуда.

**НОМИНАЛИ́ЗМ**, [< лот. nominalis ном, номӣ + пасв. ...-*изм*]. *фалс*. Ҷараёни фалсафаи асриминагӣ, ки мафҳумҳои умумиро фақат маҳсули номи ашёи алоҳида медонист.

**НОМИНАЛӢ**, [< *номинал*]. **1**. Бо ин ё он арзиши пулӣ ифодашуда; а р з и ш и Н. – арзиши номӣ (исмӣ), мас., арзиши коғази қиматнок, ки дар рӯи он нишон дода шудааст; д а р о м а д и Н. – даромади номӣ (исмӣ), даромаде, ки дар шакли холиси пулӣ, бидуни ба ҳисоб гирифтани қобилияти харидории пул, сатҳи нархҳо ва таваррум ҳисоб карда шудааст. **2**. Ба ном; танҳо ба номаш; номаш ҳасту худаш

нест (дар бораи шахсе, ки вазифаашро пурра иҷро намекунад, мас., ба ном роҳбар, ба ном муаллим, ба ном табиб ва ғ.).

**НОМИНА́НТ,** [< *номинатсия*]. Шахс ё асаре, ки ба номинатсия дохил мешавад (ниг. *номинатсия*).

**НОМИНАТИ́В,** [лот. nominativus]. *збш. Падежи* номӣ; ҳолати фоилӣ; шакли ибтидоии исму ҷонишин дар грамматика.

**НОМИНА́ТСИЯ (НОМИНА́ЦИЯ)**, [< лот. nominatio номгузорӣ]. **1**. *збш*. Номгузорӣ, номдиҳӣ ба ягон чиз. **2**. Бахш; ҳар як бахши озмун, фестивал ва м. инҳо, ки дорои шарту талаботи муайян буда, дар доираи он ба ин ё он асар ё иштирокчии ғолиб мукофот (унвон)-и фахрӣ супурда мешавад.

**...НОМИЯ**, [< юр. nomos қонун]. Қисми охири калимаҳои мураккаб, ки бо илм, таълимот, маҷмуи ақидаҳо ё қоидаҳо робита доштанро ифода мекунад, мас., *астрономия*.

**НОМОГЕНЕ́З,** [< юр. nomos қонун + *...генез*]. *биол*. Назарияи зиддидарвинии инкишофи табиати зинда, ки мувофиқи он *эволютсия* мувофиқи қонунҳои дохилӣ ва пешакӣ муайяншуда ба вуҷуд меояд.

**НОМОГРА́ММА**, [< юр. nomos қонун + *...грамма*]. *мат. Графики* ҷасоматҳои геометрӣ; нақшаи махсусе, ки бо ёрии он ҳисобро набароварда, баъзе масъалаҳои математикиро ҳал кардан мумкин аст.

**НОМОГРА́ФИЯ**, [< юр. nomos қонун + *...графия*]. *мат*. Фасли математика, ки назария ва усулҳои сохтани нақшаҳои махсус – *номограммаҳоро* меомӯзад.

**НО́НА**, [< лот. nona нуҳум]. **1**. *мус*. Дараҷаи нуҳуми *гаммаи диатоникӣ*. **2**. *адш*. Шеъре, ки аз 9 мисраъ иборат аст.

**НОНЕ́Т**, [ит. nonetto]. Ансамбли иборат аз 9 навозанда ё овозхон, инчунин асари мусиқие, ки барои чунин ансамбл навишта шудааст.

**НО́НИУС**, [порт. nonius – аз номи олими португалӣ П. Нунйес]. *геод*. Ҷадвали ёрирасони асбоби андозагирӣ, ки бо ёрии он дараҷаҳои касрии ҷадвали асосиро месанҷанд.

**НОНКОМБАТА́НТ,** [фр. noncombattant]. *ҳуқ*. Дар ҳуқуқи байналмилалӣ – шахсе, ки ба ҳайати қувваҳои мусаллаҳи давлати ҷангкунанда дохил намешавад (мас. журналист), инчунин шахсе, ки ба ҳайати қувваҳои мусаллаҳ дохил шавад ҳам, аммо дар амалиётҳои ҷангӣ иштирок намекунад (мас., табиби ҳарбӣ).

**НОНКОНФОРМИ́ЗМ**, [фр. nonconformiste]. Инкор кардани тартиботи дар ҷамъият ҷорибуда, эътирози иҷтимоӣ.

**НОНПАРЕ́Л (НОНПАРЕ́ЛЬ)**, [фр. nonpareil]. Ҳуруфи матбаа, ки андозааш (*кеглаш*) ба 6 пункт (такр. 2,55 мм) баробар аст.

**НО́НСЕНС**, [англ. nonsense]. Бемаънигӣ; ҳар чизи пучу сафсатта, харза.

**НОН-СТО́П**, [англ. non-stop]. Бетанаффус, беист, бефосила, муттасил (одатан дар бораи мусиқӣ, намоиши кино ва м. инҳо).

**НОН-ФИ́КШЕН, НОН-ФИКШН**, [англ. non-fiction]. Жанри адабиёти ғайрибадеӣ (асари публисистӣ, насри ҳуҷҷатӣ, китоби дарсӣ, энсиклопедия, луғат ва ғ.).

**НООСФЕ́РА,** [< юн. noos ақл, хирад + *сфера*]. *биол.* Ҳолати нави эволютсионии *биосфера*, ки дар он фаъолияти боақлонаи одам омили ҳалкунандаи инкишофаш мегардад.

**НОРАДРЕНАЛИ́Н**, [англ. noradrenaline]. *биол. Нейрогормон* аз гурӯҳи *катехоламинҳо*, ки чун ноқили (*медиатори*) импулсҳои асаб хизмат мекунад.

**НОРД**, [ҳол. noord]. **1**. Шимол. **2**. Боди шимолӣ.

**НОРД-ВЕ́СТ**, [ҳол. noord-west]. **1**. Шимоли ғарбӣ. **2**. Боди шимоли ғарбӣ.

**НОРДИ́ЗМ,** [< ҳол. noord + пасв. -*изм*]. Яке аз шаклҳои нажодпарастӣ, ки мувофиқи он намояндагони нажодҳои «олӣ»-и шимолӣ (*нордӣ*) офарандагони тамаддуни ҷаҳонӣ ҳисоб карда мешаванд.

**НОРДӢ,** [ҳол. noord]. Шимолӣ, хоси мардуми шимол ва фарҳанги он.

**НОРД-О́СТ**, [ҳол. noord-oost]. **1**. Шимоли шарқӣ. **2**. Боди шимоли шарқӣ.

**НО́РИЯ**, [исп. noria]. *тех*. Ниг. *элеватор*.

**НО́РМА**, [рус. < лот. norma]. Меъёр, миқдор, ҳаҷм, андозаи муқарраршудаи чизе.

**НОРМА́Л (НОРМА́ЛЬ)**, [лот. normalis рост]. **1**. *геом*. Хати росте, ки ба расандаи ягон нуқтаи хати каҷ ё ба ҳамвории расандаи сатҳ *перпендикуляр* мебошад. **2**. *куҳна*. Ниг. *стандарт*. **3**. *тех*. Ҳуҷҷати меъёрии техникӣ, ки ягон чизи ба меъёр даровардашавандаро тавсиф менамояд.

**НОРМА́ННҲО,** [англ. Norsemen мардуми шимол]. *таър*. Қабилаҳои скандинавие, ки дар асрҳои 8 – 11 Англия, Фаронса ва мамлакатҳои диг. Аврупоро забт ва тороҷ карда буданд; тақр. 5 аср пеш аз Колумб Амрикои Шимолиро кашф кардаанд; онҳоро дар Аврупо *викингҳо* ва дар Руси Қадим *варягҳо* меномиданд.

**НОРМАТИ́В,** [< *норма*]. Нишондиҳандаи меъёри ягон фаъолият (мас., иқтисодӣ, техникӣ, варзишӣ ва ғ.).

**НОРМОБЛА́СТҲО**, [< *норма* + blastos неш, қаламча]. *физиол*. Ҳуҷайраҳои сурхи хун (*эритроситҳо*) дар яке аз давраҳои инкишофашон; дар ин давра Н. гемоглобиндор мешаванд.

**НОСТАЛГИ́Я (НОСТАЛЬГИ́Я)**, [< юн. nostos бозгашт ба хона + algos дард, беморӣ]. Пазмони ватан шудан; ҳасрати ватан; ёди ватан; ҳасрати айёми гузашта.

**НО́СТРО**, [< ит. nostro conto ҳисоби мо]. *мол*. Суратҳисоби бонк дар бонки муросили худ, ки ба он ҳамаи хароҷоту воридоти вай дохил карда мешавад.

**НО́ТА¹**, [< лот. nota аломат]. **1**. Аломати графикии овози мусиқӣ. **2**. Матни асари мусиқӣ, ки бо чунин аломатҳо навишта шудааст. **3**. *мач*. Оҳанги нутқ, ки ин ё он ҳиссиётро ифода мекунад.

**НО́ТА²**, [< лот. nota мулоҳиза]. Мурочиати расмии ҳукумати як давлат ба ҳукумати давлати дигар. || Мқс. меморандум.

**НОТАБЕ́НЕ, НОТАБЕ́НА,** [< лот. nota bene нағзтар аҳамият деҳ]. Аломати NB дар ҳошияи китоб, дастнавис ва ғ., ки ба ҳамон чои матн диққат доданро таъкид мекунад.

**НОТАРИА́Т**, [фр. notariat < лот. notarius котиб]. Идораи давлатӣ барои тасдиқ кардани санадҳои ҳуқуқии гуногун (шартномаҳо, васиятномаҳо, бовархатҳо ва м. инҳо), нусхаҳои онҳо, инчунин тасдиқи ҳақиқӣ будани имзоҳои дар ҳуччатҳо гузошташуда.

**НОТА́РИУС**, [< лот. notarius котиб]. Корманди нотариат; шахси мансабдоре, ки бо тасдиқ кардани ҳуччатҳои гуногун (шартномаҳо, васиятномаҳо, бовархатҳо ва м. инҳо), нусхаҳои онҳо ва имзоҳои дар ҳуччатҳо гузошташуда машғул мебошад.

**НОТА́ТСИЯ (НОТА́ЦИЯ),** [< лот. notatio ишора кардан]. Системаи аломатҳои шартии хаттӣ, ки дар ягон соҳаи фаъолият қабул шудааст, мас., Н.-и шоҳмот, Н.-и мусиқӣ.

**НО́ТИС**, [англ. notice]. Огоҳиномаи хаттӣ дар бораи пурра тайёр будани киштӣ ба бор кардан ё фуровардани бор.

**НОТИФИКА́ТСИЯ (НОТИФИКА́ЦИЯ),** [< лот. notificare маълум кардан]. *ҳуқ*. Дар ҳуқуқи байналмилалӣ – аз тарафи як давлат ба давлати дигар маълум кардани мавқеи худ оид ба ин ё он масъалаи байналхалқӣ.

**НОТОГЕ́Я**, [< юн. notos чануб + ge Замин]. *геог*. Яке аз се минтақаи зоогеографии хушкӣ, ки асосан Австралияро дар бар мегирад. || Мқс. Неогея.

**НОТОТЕ́НИЯ**, [лот. Notothenia]. *зоол*. Моҳии баҳрӣ аз оилаи аломоҳиҳо; дарозиаш то 1 м, вазнаш то 10 кг.

**НОТОТРЕ́МА**, [< юн. notos пушт + threma сӯрохӣ]. *зоол*. Қӯрбоққаи халтадор; ҳайвони обхокӣ аз оилаи қӯрбоққаҳо, ки дар пушташ халтача дорад (барои нигоҳ доштани тухми бордоршуда).

**НОУ́МЕН**, [< юн. noumenon ақлӣ]. *фалс*. Дар фалсафаи И. Кант – «ашё дар худ»-и донистанашаванда.

**НО́УТБУК**, [< англ. notebook дафтар, блокнот]. Компютери хурди дорои *дисплейи* моеъкристаллӣ.

**НО́У-ХА́У**, [< англ. know-how медонам, ки чӣ хел]. Донишу таҷриба ва малакаю асрори техникии истеҳсолот, ки бо қонун муҳофизат карда мешаванд.

**НОЯ́БР (НОЯ́БРЬ),** [< лот. november нуҳум]. Моҳи ёздаҳуми соли тақвимӣ, ки 30 рӯз аст; то ислоҳоти тақвим дар давраи Юлий Тсезар моҳи нуҳум буд ва номаш аз ҳамин ҷост.

**НУВОРИ́Ш**, [фр. nouveau riche]. Навдоро; шахсе, ки дар давраи дигаргуниҳои иҷтимоӣ (табаддулот, инқилоб, ҷанг, гуруснагӣ ва ғ.) бо роҳи ҳаннотию қаллобӣ зуд сарватманд шуда, ба мақому мартабаҳои баланд расидааст.

**НУГА́**, [фр. nougat < лот. nux чормағз]. Ян навъ ҳалвои чормағзӣ.

**НУДИ́ЗМ**, [< лот. nudus луч, урён]. Парастиши бадани урён; ҷараёни фалсафие, ки бараҳнагии оммавиро омили тандурустӣ ва ваҳдати рӯҳии одамон медонад; *натуризм* низ гӯянд.

**НУКЛЕА́ЗҲО**, [< лот. nucleus мағз, ядро]. *хим.* Ферментҳое, ки *кислотаҳои нуклеиниро* таҷзия мекунанд.

**НУКЛЕИ́Н**, [< лот. nucleus мағз, ядро]. *хим, биол.* Пайвасти мураккаби органикӣ, ки ба таркиби он кислотаи нуклеинӣ ва сафеда дохил мешавад.

**НУКЛЕИНӢ**, [< *нуклеин*]. *биол., хим.* Кислотаҳои нуклеинӣ – пайвастҳои органикие, ки аз боқимондаҳои *нуклеотидҳо* пайдо мешаванд; дар ҳуҷайраҳои тамоми мавҷудоти зинда вуҷуд дошта, барои ҳифз ва интиқоли иттилооти генетикӣ хизмат мекунанд.

**НУКЛЕОТИ́ДҲО,** [< лот. nucleus мағз, ядро]. *биол.* Моддаҳои органикӣ, қисми таркибии *кислотаҳои нуклеинӣ* ва *коферменти* бисёр *ферментҳо*, ки дар мубодилаи моддаҳо нақши бузург мебозанд.

**НУКЛИ́ДҲО**, [< лот. nucleus мағз, ядро]. *физ.* Номи умумии атомҳо, ки бо шумораи *нуклонҳо* ё, дар сурати баробар будани шумораи нуклонҳо, бо шумораи гуногуни *протонҳо* ва *нейтронҳо* аз якдигар фарқ мекунанд. || Мқс. изобарҳо, изотопҳо.

**НУКЛО́Н**, [< лот. nucleus мағз, ядро]. *физ.* Номи умумии *нейтронҳо* ва *протонҳо* – зарраҳое, ки ядрои атомро ташкил медиҳанд.

**НУЛ (НУЛЬ),** [< лот. nullus ҳеҷ чиз]. Ниг. *нол.*

**НУЛЛИФИКА́ТСИЯ (НУЛЛИФИКА́ЦИЯ)**, [< лот. nullificatio нест кардан]. **1**. *ҳуқ.* Бекор кардан, аз эътибор соқит намудан, беэътибор донистани ягон ҳуҷҷат, қарор, қонун. **2**. *мол.* Нуллификатсияи пулҳои коғазӣ – пулҳои коғазии беқурбшударо бекор кардани давлат.

**НУМЕРА́ТОР,** [< лот. numerator ҳисобкунак]. Рақамгузорак; олати рақамгузорӣ дар ҳуҷҷатҳо.

**НУМЕРА́ТСИЯ (НУМЕРА́ЦИЯ)**, [< лот. numeratio ҳисоб]. **1**. *мат.* Қисми *арифметика*, ки дар он маҷмуи усулҳои номидану нишон додани рақамҳо баён карда мешавад. **2**. Бо рақамҳои пай дар пай ифода кардани ашё, мас., Н.-и хонаҳои кӯча, Н.-и саҳифаҳои китоб. **3**. Рақамгузорӣ.

**НУМЕРОЛО́ГИЯ**, [< лот. numerus рақам + ...*логия*]. Таълимот дар бораи хосиятҳои сеҳрноки рақамҳо, аз рӯи рақамҳо (мас., рӯз, моҳ ва соли таваллуд) муайян кардани хислатҳои инсон ва пешгӯӣ намудани тақдири ӯ.

**НУМИЗМА́Т**, [< *нумизматика*]. Шахсе, ки бо *нумизматика* машғул аст.

**НУМИЗМА́ТИКА**, [< лот. numisma танга]. Сиккашиносӣ; фанни ёрирасони таърих, ки тангаҳо, таърихи сикка задани онҳо, нақши танга дар муомилоти пулӣ ва диг. масъалаҳои бо танга алоқамандро меомӯзад. || Мқс. гералдика.

**НУ́НСИЙ (НУ́НЦИЙ),** [< лот. nuntius қосид, чапар]. Намояндаи доимии дипломатии папаи Рим дар давлати дигар; ба рутбаи сафир баробар аст. || Мқс. легат[1] (маънои 3).

**НУНЧА́КИ**, [яп.]. Ду калтакчаи чӯбин, ки бо ёрии тасма ё занҷир ба якдигар пайваст мебошанд; дар баъзе намудҳои якҳарбаи шарқӣ (мас., дар *каратэ*) истифода мешавад.

**НУТА́ТСИЯ (НУТА́ЦИЯ),** [< лот. nutatio лаппиш]. **1**. *физ*. Ҳаракати лаппандаи (ларзидани) ҷисми сахт ҳангоми дар гирди меҳвари худ давр задани он. **2**. *бот*. Даврзании нӯги узвҳои нумӯкунандаи растанӣ (одатан мувофиқи ақрабаки соат) аз сабаби якхела насабзидани онҳо. **3**. *тиб*. Каллаҷунбонии ғайриихтиёрӣ.

**НУТРИТСИОЛО́ГИЯ** (**НУТРИЦИОЛО́ГИЯ**), [< лот. nutritio ғизо + ...*логия*]. Ғизошиносӣ; илм дар бораи ғизои одам ва ҳайвон.

**НУ́ТРИЯ**, [исп. nutria]. *зоол*. Муши обӣ; қундузи обӣ; ҳайвони ширхӯри мӯинадор аз гурӯҳи хояндаҳо, инчунин мӯинаи ҳамин ҳайвон. || Мқс. ондатра.

**НУТСЕ́ЛЛУС (НУЦЕ́ЛЛУС)**, [< лот. nucella чормағзак]. *бот*. Қисми марказии тухммуғчаи растаниҳои тухмдор, ки бо як ё ду парда (*интегументҳо*) пӯшида шудааст.

**НЮ (НЬЮ)[1]**, [англ. new нав]. Қисми аввали бисёр калимаҳои англисӣ, ки маънои «нав»-ро ифода мекунад, мас., *нюсрум*.

**НЮ[2],** [< фр. nu луч, урён]. **1**. Тасвири бадани урён дар санъати тасвирӣ. **2**. Зани бараҳнае, ки рассом аз рӯи он сурат мекашад.

**НЮ[3],** [юн. nu]. Номи ҳарфи сенздаҳуми алифбои юнонӣ (N ν), ки баъзан чун рамзи математикӣ низ истифода мешавад. || Мқс. алфа, бета, гамма.

**НЮА́НС,** [фр. nuance]. Тобиш; тафовути нозуке дар ягон чиз, мас., дар оҳанги мусиқӣ, рангҳо, лаҳни гуфтор ва ғ.

**НЮДИ́ЗМ**, [< лот. nudus луч, урён]. Ниг. *нудизм*.

**НЮСМЕ́ЙКЕР (НЬЮСМЕ́ЙКЕР),** [англ. newsmaker]. Шахсе, ки (мас., ходими сиёсӣ, артист, варзишгар ва ғ.) дар ин ё он лаҳза мавриди таваҷҷуҳи журналистон, хонандагон ва тамошобинон қарор мегирад.

**НЮСРУ́М (НЬЮСРУ́М),** [англ. newsroom]. Шуъбаи ахбор дар ВАО (телевизион, радио, агентиҳои иттилоотӣ, идораи рӯзномаҳо).

**НЮ́ТОН (НЬЮ́ТОН),** [< англ. Newton – номи олими англис Исаак Нютон (1643 – 1727)]. *физ.* Воҳиди қувва дар системаи воҳидҳои байналмилалӣ (СИ).

**НЮФА́УНЛЕНД (НЬЮФА́УНЛЕНД).** [англ. Newfoundland – аз номи ҷазираи Нюфаундленд, ки дар он ҷо ин зоти саг ба вуҷуд оварда шудааст]. Ғаввос; зоти сагҳои калони хизматӣ, ки асосан барои наҷот додани ғарқшудагон истифода мешавад. || Мқс. боксёр, булдог, доберман-пинчер, дог, колли.

# О

**ОА́ЗИС**, [юн. oasis < миср. қад. Оасия]. **1**. Воҳа; қитъаи биёбон ё нимбиёбон, ки обу растании табиӣ дорад. **2**. *маҷ*. Хубӣ, некӣ; истиснои гуворо, фараҳбахш. **3**. *тиб*. Қитъаи бофтаҳои солим дар байни бофтаҳои осебдор.

**ОБЕЛИ́СК**, [юн. obeliskos]. Муҷассамаи чорпаҳлӯи сутуншакли нӯгборик; сутуни ёдбуд.

**ОБЕР**..., [ол. Ober... калон, сар]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки инҳоро ифода мекунад: 1) калонӣ дар мансаб, вазифа, рутба, мас. обер.-лейтенант – *лейтенанти* калон; 2) Дараҷаи баланди ягон сифати манфӣ, мас., обер-қаллоб.

**О́БЕР-МА́СТЕР,** [ол. Obermeister]. Устои калон; устокалон.

**ОБЕР-ОФИТСЕ́Р (О́БЕР-ОФИЦЕ́Р),** [ол. Oberoffizier]. Номи умумии афсарони хурд (аз *прапоршик* то *капитан*) дар қувваҳои мусаллаҳи баъзе мамлакатҳо.

**О́БЕР-ПРОКУРО́Р,** [*обер*... + *прокурор*]. Дар Россияи подшоҳӣ – сардори *департаменти сенат*.

**ОБЕРТО́Н**, [*обер*... + ton лаҳн, овоз]. *мус*. Лаҳни иловагӣ, ки ба лаҳни асосӣ тобиши нав медиҳад. ‖ Мқс. унтертон.

**О́БЕР-ШЕНК,** [ол. Oberschenk]. Соқии калон; унвони олии дарбории дараҷаи 2 дар Россияи подшоҳӣ.

**ОБКО́М,** [рус. – кӯтоҳшудаи областной комитет – кумитаи вилоятӣ]. Номи ташкилоти болоии интихобии вилоятӣ, мас., кумитаи вилоятии ҳизб.

**ОБЛИГАТӢ**, [лот. obligatus]. Ҳатмӣ, воҷиб.

**ОБЛИГА́ТО,** [ит. obbligato < лот. obligatus ҳатмӣ]. *мус*. Дар *операҳо, кантатаҳо, ораторияҳо – партияи* асбоби мусиқии ҷӯршаванда.

**ОБЛИГА́ТСИЯ (ОБЛИГА́ЦИЯ),** [< лот. obligatio уҳдадорӣ]. Вомбарг; коғази қиматнок, ки соҳибаш ҳуқуқ дорад вобаста ба қимати он дар шакли фоиз ё бурд даромад гирад; О.-ро давлат ё ҷамъиятҳои саҳҳомӣ мебароранд ва уҳдадор мешаванд, ки пас аз гузаштани вақти муайян онро боз харида гиранд.

**ОБЛИ́ГО**, [ит. obligo уҳдадорӣ, қарз]. *мол*. **1**. Маблағи қарзи умумӣ аз рӯи *векселҳо*. **2**. Дафтари махсуси бонкӣ, ки дар он қарзҳои мизоҷон (аз рӯи *векселҳо* ё аз рӯи ҳамаи амалиётҳои бо бонк анҷомдодашуда) сабт карда мешавад.

**ОБЛИТЕРА́ТСИЯ (ОБЛИТЕРА́ЦИЯ),** [< лот. obliteratio нест кардан]. **1**. *тиб*. Маҳкам шудани ковокӣ, сӯрохии ягон узв ё раг. **2**. *тиб*. Комилан аз ёд

баровардани воқеаҳои муайян. **3**. *бот*. Маҷақшавии ҳуҷайраю бофтаҳои растанӣ, ки боиси нестшавии ковокиҳои дохилиҳуҷайравӣ ва байниҳуҷайравӣ мегардад.

**ОБО́Л**, [юн. obolos]. **1**. Воҳиди вазн дар Юнони Қадим. **2**. Тангаи биринҷӣ дар Византияи асрҳои 9 – 10. **3**. Тангаи мисин ва баъдтар нуқрагӣ дар Фаронсаи асрҳои 9 – 14.

**ОБРОГА́ТСИЯ (ОБРОГА́ЦИЯ)**, [лот. obrogatio]. *ҳуқ*. Ба қонуни пештар қабулшуда даровардани тағйироти ҷузъӣ. ‖ Мқс. суброгатсия.

**ОБСЕРВАТО́РИЯ**, [< лот. observare мушоҳида кардан]. Расадхона; муассисаи илмии дорои таҷҳизоти махсус барои мушоҳидаҳои астрономӣ, магнитӣ, метеорологӣ, сейсмикӣ ва ғ., инчунин биное, ки дар он ҳамин муассиса ҷойгир шудааст.

**ОБСЕРВА́ТСИЯ (ОБСЕРВА́ЦИЯ),** [< лот. observation мушоҳида]. **1**. Мушоҳида, назорат. **2**. *тиб*. Дар бинои махсус ҷиҳозонидашуда бо мақсади муоинаи тиббӣ ва пешгирии сироят нигоҳ доштани одамони солиме, ки бо шахсони гирифтори бемориҳои гузаранда (мас., вабо, нағзак, тоун ва ғ.) робита доштанд. ‖ Мқс. карантин. **3.** Муайян кардани мавқеи киштӣ дар баҳр ба воситаи ҷирмҳои осмонӣ ё чизҳои дар соҳил воқеъбуда (мас., мино, иморатҳои баланд ва ғ.).

**ОБСИДИА́Н**, [< лот. Obsidianus laris санги Обсидия]. Шишаи вулқонӣ; шишаи табиии силикатӣ; ҷинси кӯҳии хокистарранги сиёҳтоб, баъзан сурхи қаҳваранг, ки замонҳои қадим аз он аслиҳаи ҷангӣ (найза, ҳаданг ва ғ.) тайёр мекарданд.

**ОБСКУРА́НТ**, [< лот. obscurus зулмот, торикӣ]. Пайрави *обскурантизм*; душмани илму дониш ва маърифат.

**ОБСКУРАНТИ́ЗМ**, [< лот. obscurus зулмот, торикӣ]. Нафрати сахт ба илму дониш ва маърифат; ҷоҳилӣ. ‖ Мқс. ретроград.

**ОБСТРУКСИОНИ́ЗМ (ОБСТРУКЦИОНИ́ЗМ)**, [< лот. obstructio садд, монеа]. Мубориаи сиёсӣ, одатан парламентӣ, бо роҳи обструксия (ниг. *обструксия*).

**ОБСТРУ́КСИЯ (ОБСТРУ́КЦИЯ)**, [< лот. obstructio садд, монеа]. Қасдан вайрон кардани ягон чорабинии оммавӣ, мас., маҷлиси парламент, бо роҳи шӯру мағал, нутқҳои бемаънии дурудароз, саволҳои беҳуда ва ғ.; О.-ро одатан ба нишони эътироз ё роҳ надодан ба қабули ин ё он қарори номатлуб истифода мебаранд.

**ОБЪЕ́КТ**, [лот. objectum чиз, ашё]. **1**. *фалс*. Он чӣ, ки берун аз мо ва новобаста ба шуури мо вуҷуд дорад. **2**. *збш*. Пуркунанда. **3**. Ҳодиса, раванд, ашёе, ки фаъолияти одам ба он равона шудааст, мас., О.-и омӯзиш; О.-и парастиш. **4**. Корхона, муассиса, умуман ҷои ягон намуди фаъолият, мас. О.-и ҳарбӣ.

**ОБЪЕКТИ́В,** [лот. objectus дар пеш воқеъшуда]. Қисми асбоби оптикӣ, ки аз *линза* ё линзаҳо иборат аст; одатан дар пеши асбоб ҷойгир мебошад ва номаш аз ҳамин ҷост. ‖ Мқс. окуляр.

**ОБЪЕКТИВӢ**, [< *объект*]. **1**. Мансуб ба *объект* (маънои 1). **2**. Холисона, беғаразона, ҳаққонӣ.

**ОВА́Л,** [< лот. ovum тухм]. Доираи байзавӣ; тарҳи тухмшакли ҳар чиз.

**ОВАРИАЛӢ,** [< лот. ovarium тухмдон]. *анат.* Тухмдонӣ; мансуб ба тухмдон.

**ОВА́ТСИЯ (ОВА́ЦИЯ)**, [< лот. ovation хурсандӣ кардан]. Маъқулёбӣ, ҷонибдорие, ки бо ваҷду хурсандӣ, чаппакзании пурмавҷи дурудароз, нидоҳои сипосу таҳсин изҳор карда мешавад.

**ОВЕРДРА́ФТ,** [англ. overdraft]. **1**. Аз тарафи бонк ба муштарӣ додани қарзи (*кредити*) кӯтоҳмуҳлат ҳангоми мавҷуд набудани маблағ дар суратҳисоби ӯ; одатан ба муштариёни боэътимод дода мешавад. **2**. Аз меъёр зиёд қабул кардани одамон ба артиш, муассисаи таълимӣ, дастаи варзишӣ ва ғ.

**ОВЕРКИ́Л (ОВЕРКИ́ЛЬ)**, [англ. overkeel]. **1**. Чаппа шудани киштӣ тавре ки рӯяш зеру тагаш боло шавад. **2**. *маҷ*. Барбод рафтани саъю кӯшиш, умеду орзуҳо.

**ОВЕРЛО́К**, [англ. overlock]. Мошини дарздӯзии махсус барои дӯхтан, инчунин кӯк задани канорҳои маснуоти трикотажӣ, пойафзол ва ғ.

**ОВЕРТА́ЙМ**, [англ. overtime]. *варз*. Вақти иловагӣ дар футбол, хоккей ва ғ., ки баъди вақти асосии бозӣ дода мешавад (агар дар вақти асосӣ дастаи ғолиб муайян нашавад).

**ОВИ́СТҲО**, [< лот. ovum тухм]. *таър., биол.* Биологҳои асри 17, ки саҳван чунин мешумурданд: организми калонсол дар ҳуҷайраи ҷинсии (тухми) модина пешакӣ ташаккул меёбад.

**ОВОСКО́П**, [< лот. ovum тухм + skopeo мебинам]. Тухмсанҷак; асбоб барои муайян кардани сифати тухм ва рафти инкишофи ҷанин дар тухм ҳангоми *инкубатсия*.

**ОВУЛЯ́ТСИЯ (ОВУЛЯ́ЦИЯ),** [< лот. ovum тухм]. *биол.* Аз тухмдон ба ковокии бадан гузаштани ҳуҷайраи ҷинсии зан (тухмҳуҷайра, *оосит*).

**О́ДА**, [юн. қад. ode]. *адш.* Қасида, мадҳия; дар Юнон ва Рими Қадим – ҳама гуна шеъри лирикӣ.

**ОДЕКОЛО́Н,** [фр. eau de Cologne оби Кёлн]. Атр; маҳлули спиртии равғанҳои хушбӯи эфирӣ; дар шаҳри Кёлн ихтироъ шудааст ва номаш аз ҳамин ҷост.

**ОДЕО́Н,** [юн. қад. odeion]. Иморати мудаввар барои намоишҳои мусиқӣ дар Юнони қадим; ҳоло – кохи театру консерт дар баъзе мамлакатҳо.

**ОДИССЕ́Й**, [юн. қад. Odysseys]. Дар асотири юнониёни қадим – подшоҳи Итака, иштирокчии муҳосираи Троя, қаҳрамони асосии достони «Одиссея»-и Гомер.

**ОДИССЕ́Я**, [< *Одиссей*]. Сафари дурударози пурхатару пурмоҷаро.

**ОДО́ГРАФ**, [< юн. hodos роҳ + grapho менависам, хат мекашам]. Роҳнавис; асбоби барқии навигатсионӣ, ки роҳи тайкардаи киштиро дар харита бо хат нишон медиҳад.

**...ОДОН, ...ОДОНТ**, [юн. odus (odontos) дандон]. Қисми охири номи баъзе ҳайвоноти ширхӯр, ки аз рӯи сохти дандонҳояшон тасниф карда мешаванд, мас., *игуанодон, мастодонт.* ‖ Мқс. *...завр.*

**ОДОНТОЛИ́Т,** [< юн. odus (odontos) дандон + lithos санг]. **1**. *тиб.* Санги дандон. **2**. Санги нимқиматбаҳои фирӯзамонанд, ки аз боқимондаҳои устухони ҳайвоноти мунқариз пайдо шудааст.

**ОДОНТОЛО́ГИЯ**, [< юн. odus (odontos) дандон + *...логия*]. *тиб.* Фасли *стоматология*, ки сохт, хусусиятҳои физиологӣ ва бемориҳои дандон, инчунин усулҳои табобат ва пешгирии ин бемориҳоро меомӯзад.

**ОДОРА́НТ**, [< лот. odor бӯй]. Моддаи сулфурдоре, ки ба газ барои бӯйнок шуданаш ҳамроҳ мекунанд ва он имкон медиҳад, ки хориҷшавии газ зуд ошкор карда шавад.

**ОДОРОЛО́ГИЯ**, [< лот. odor бӯй + *...логия*]. *ҳуқ.* Фасли *криминология*, ки бо аниқ кардани шахсияти ҷинояткор аз рӯи бӯй машғул мебошад.

**ОЗИ́РИС**, [юн. Osiris]. Ниг. *Осирис.*

**ОЗЕКЕРИ́Т**, [< юн. ozo бӯй мекунам + keros мум]. Муми кӯҳӣ; минерали зард, сабз ё сиёҳчатоб аз гурӯҳи *карбогидридҳо*, ки дар саноати локу ранг, атриёт ва тиб истифода мешавад.

**ОЗО́Н**, [< юн. ozon бӯйкунанда, бӯйнок]. Гази бӯяш тез ва рангаш кабуд, ки молекулааш аз се атоми оксиген иборат аст; ҳангоми раъду барқ дар натиҷаи тахлияи электрӣ (дар *атмосфера*) ё бо таъсири нурҳои ултрабунафш (дар *стратосфера*) ҳосил мешавад; қабати О. (озоносфера) дар баландии аз 15 то 50 км воқеъ шудааст ва он тамоми мавҷудоти зиндаи Заминро аз *радиатсияи* Офтоб муҳофизат мекунад.

**ОЗОНА́ТОР**, [< *озон*]. Асбоб барои безарар гардондани об ва тоза кардани ҳаво бо ёрии *озон.*

**ОИ́ДИУМ**, [лот. oidium]. *кшв., бот.* Ҷел; як навъ бемории занбӯруғии ангур.

**ОЙКУМЕ́НА**, [< юн. oikeo маскун мекунам]. *геогр.* Рубъи маскун; тамоми минтақаҳои маскуншудаи хушкӣ.

**ОЙТЛА́НДЕРҲО**, [афр.]. Ниг. *уитлендерҳо.*

**ОК**, [< англ. ОК]. Ниг. *о'кей.*

**ОКА́ЗИЯ**, [< лот. occasio воқеа]. **1**. Фурсати хуб барои иҷрои амале. **2**. Воқаи ғалатии ғайричашмдошт.

**ОКАРИ́НА**, [< ит. ocarina ғозча]. Як навъ сурнайи сафолини байзашакл, ки дар байни бисёр халқҳо маъмул аст.

**ОКЕА́Н**, [юн. okeanos]. **1**. Укёнус; тамоми қабати обии кураи Замин, ки қитъаҳо ва ҷазираҳоро иҳота кардааст. **2**. Дар асотири юнониёни қадим – худои обу тӯфон, писари Уран ва Гея.

**ОКЕАНА́ВТ**, [юн. okeanos укёнус + nautes маллох]. Укёнуснаворд; муҳаққиқи қаъри укёнус. ‖ Мқс. акванавт.

**ОКЕАНА́РИУМ, ОКЕАНА́РИЙ**, [< *океан* + пасв. ...ариум (...арий)]. Ҳавзи калони дорои оби баҳр ё қитъаи махсус ҷудокардашудаи наздисоҳилии баҳр барои нигоҳдорӣ, парвариш, омӯзиш ва намоиши ҳайвоноти баҳрӣ. ‖ Мқс. аквариум.

**ОКЕАНИ́ДАҲО**, [юн. okeanidos]. Дар асотири Юнони Қадим – париҳои баҳрӣ, духтарони *Океан* (маънои 2).

**ОКЕАНОГРА́ФИЯ**, [< *океан* + *...графия*]. Укёнусшиносӣ; илме, ки хусусиятҳои физикию химиявии муҳити об ва равандҳои дар Укёнуси Ҷаҳонӣ рӯйдиҳандаро меомӯзад.

**ОКЕА́НИЯ**, [< *океан*]. Укёнусия; маҷмуи ҷазираҳои укёнуси Ором; ба Меланезия, Микронезия ва Полинезия тақсим мешавад.

**ОКЕАНОЛО́ГИЯ**, [< *океан* + *...логия*]. Ниг. *океанография*.

**О′ КЕЙ, О-КЕЙ**, [< англ. all correct ҳамааш дуруст]. Майлаш; хуб шудааст; дуруст; нидои маъқулёбӣ, ризоят.

**ОККАЗИОНАЛИЗМ¹**, [< лот. occasio воқеа]. *збш*. Яке аз намудҳои *неологизм* – калимаҳои наве, ки барои истифода бурдан дар ин ё он мавриди мушаххас махсус сохта шудаанд.

**ОККАЗИОНАЛИЗМ²**, [< лот. occasio воқеа]. *фалс*. Равияе дар фалсафаи асри 17, ки робитаи табиии рӯҳ ва танро рад карда, ин робитаро бе дахолати бевоситаи Худо имконнопазир медонист.

**ОККЛЮ́ЗИЯ,** [< лот. occlusus маҳкам]. **1**. Ҳалшавии газҳо дар металл. **2**. Ҳавои гармро ба қабатҳои болоии *атмосфера* тела додани ҳавои хунук. **3**. *тиб*. Ҷафс шудани дандонҳои ҷоғҳои боло ва поён.

**ОККУЛТИ́ЗМ (ОККУЛЬТИ́ЗМ),** [< лот. occultus махфӣ]. Симиё; илми тилисм; номи умумии ҷараёнҳои хурофие, ки дар инсон ва кайҳон мавҷуд будани қувваҳои пурасрори фавқуттабиаро эътироф менамоянд; ба ақидаи пайравони О., ин қувваҳо ба маърифати илмӣ дастрас набуда, танҳо ба «баргузидагон» дастрас мебошанд. ‖ Мқс. магия, спиритизм.

**ОККУПА́НТ**, [< *оккупатсия*]. Истилогар, забткунанда; шахсе, ки дар ишғоли заминҳои бегона иштирок мекунад.

**ОККУПА́ТСИЯ (ОККУПА́ЦИЯ)**, [< лот. occupare гирифтан, забт кардан]. Ҳудуди як давлатро истило (забт, ишғол) намудани қувваҳои ҳарбии давлати дигар.

**ОКО́П**, [< рус. окопать кофтан]. Хандақ; чуқурии пешаш хоктеппадор, ки бо мақсади муҳофизати аскарон аз тири душман сохта мешавад.

**ОКРО́ШКА**, [< рус. крошить майда кардан]. Як навъ таоме, ки аз *квас* ё чолоби хунук ва сабзавоту гӯшти майдакардашуда иборат аст.

**О́КРУГ**, [< рус. атроф]. **1**. Воҳиди маъмурию ҳудудӣ дар баъзе мамлакатҳо. **2**. Ҳавза; О.-и интихоботӣ – ҳавзаи интихоботӣ.

**ОКСАЛА́ТҲО**, [< *окс*...]. Намаку эфирҳои кислотаи шилха, ки бо роҳи сунъӣ ҳосил карда мешаванд; дар соҳаҳои химия, металлургия, бофандагӣ ва ғ. истифода мебаранд.

**ОКС..., ОКСИ..., ОКСО…**, [< *оксиген*]. Қисми калимаҳои мураккаб, ки маъноҳои зеринро ифода мекунад; 1) дар пайвастҳо ва омехтаҳо вуҷуд доштани *оксиген*, мас., *оксигемоглобин*; 2) робита доштан бо муҳити турш, мас., *оксилофитҳо*.

**ОКСИБИО́НТҲО,** [< *окси*... + bion зиҳанда]. *биол*. Ниг. *аэробҳо*.

**ОКСИГЕМОГЛОБИ́Н,** [< *окси*... + *гемоглобин*]. *хим., биол*. Пайвастшавии *гемоглобин* бо *оксиген*, ки ҳангоми аз капиллярҳои узвҳои нафаскашӣ гузаштани хун ба вуқуъ меояд; оксигенро ба бофтаҳои бадан интиқол медиҳад.

**ОКСИГЕ́Н**, **ОКСИГЕ́НИУМ**, [< юн. oxys турш + genos пайдоиш, тавлид]. Элементи химиявии гурӯҳи VI системаи даврӣ (O); ба таркиби ҳаво дохил мешавад ва дар ҳаёти организми зинда нақши муҳим мебозад.

**ОКСИГЕНА́ТСИЯ (ОКСИГЕНА́ЦИЯ** ), [< *оксиген*]. *тиб*. Бо *оксиген* таъмин (сер) кардани бофтаҳои организм.

**ОКСИГЕНОТЕРАПИ́Я**, [< *оксиген* + *терапия*]. *тиб*. Оксигендармонӣ; ба роҳҳои нафас, меъдаю рӯда ва зери пӯст равон кардани *оксиген* ҳангоми муолиҷаи заҳролудшавӣ ё бемориҳои дил ва шуш.

**ОКСИДА́ЗАҲО**, [< юн. oxys турш]. *хим*. Ферментҳои туршкунандае, ки аз растаниҳо ва ҳайвонот ҳосил мешаванд.

**ОКСИДИМЕ́ТРИЯ**, [< юн. oxys турш + ...*метрия*]. *хим*. Маҷмуи усулҳои таҳлили миқдории химиявӣ, ки ба истифодаи *реаксияҳои* туршшавӣ ва барқароршавӣ асос ёфтаанд.

**ОКСИ́ДҲО**, [< *оксиген* + юн. eidos намуд]. *хим*. Пайвастшавии элементҳои химиявӣ бо *оксиген*; дар раванди пайдошавии маъданҳо нақши муҳим мебозанд.

**ОКСИЛИКВИ́Т**, [< *оксиген* + лот. liquidus моеъ]. Моддаи тарканда, омехтаи оксигени моеъ бо моддаҳои органикии сӯзанда.

**ОКСИЛОФИ́ТҲО**, [< юн. oxys турш + phyton растанӣ]. *бот*. Растаниҳое, ки дар хокҳои турш хуб инкишоф меёбанд.

**ОКСИ́МОРОН, ОКСЮ́МОРОН,** [юн. oxymoron]. *адш.* Якҷоя кор фармудани калимаҳои зидмаъно бо мақсади ифоданоктар кардани нутқ, мас., "зиндадаргӯр", "дорои бенаво".

**ОКСИРА́Н**, [< *окси...*]. Гази беранг, ашёи хом барои ҳосил кардани баъзе маҳсулоти органикӣ; *этиленоксид* низ гӯянд.

**ОКСИТОТСИ́Н (ОКСИТОЦИ́Н),** [< *окси...*]. Нейрогормони ҳайвоноти мӯҳрадор ва одам.

**ОКТ..., ОКТА..., ОКТО...,** [< юн. okto ҳашт]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои ҳашт, мас., *октаэдр.* ‖ Мқс. би, гекса, моно.

**ОКТА́ВА,** [лот. octava ҳаштум]. **1**. *мус.* Пардаи ҳаштуми *гамма.* **2**. *мус.* Фосилаи байни пардаи якум ва ҳаштуми қаторовоз. **3**. *мус.* Бам; овози хеле ғафси мардона. **4**. *адш.* Мусамман; шеъри иборат аз 8 мисраъ.

**ОКТА́Н**, [< юн. okto ҳашт]. *хим.* Пайвасти органикӣ – карбогидриди ғализи қатори *алифатиҳо*, ки аз нафт ҳосил карда мешавад; молекулааш аз 8 атоми карбон ва 18 атоми гидроген иборат аст; ҷузъи муҳими сӯзишвории муҳаррикҳо мебошад.

**ОКТА́НТ[1]**, [< лот. octans ҳашт]. *астр.* Бурҷи Нимкураи ҷанубии осмон, ки дар он Қутби ҷанубии олам воқеъ гаштааст.

**ОКТА́НТ[2]**, [< лот. octans ҳашт]. *астр.* Асбоби зовиясанҷ, ки пештар барои чен кардани фосилаҳои кунҷии байни ҷирмҳои осмонӣ истифода мешуд.

**ОКТАПО́Д**, [< юн. okto ҳашт + лот. pus пой]. *зоол.* Ҳаштпо; моллюски дарандаи баҳрӣ, ки бадани халташакл ва дар сараш ҳашт пой дорад; *осминог* низ гӯянд.

**ОКТАЭ́ДР**, [< юн. okto ҳашт + hedra рӯя]. *геом.* Ҳаштрӯя; бисёррӯяе, ки 8 рӯя (секунҷа), 12 теға ва 6 қулла дорад. ‖ Мқс. би, гексаэдр, тетраэдр.

**ОКТЕ́Т,** [ит. ottetto < юн. okto ҳашт]. *мус.* **1**. Ансамбли иборат аз ҳашт иҷрокунанда. **2**. Асари мусиқие, ки барои чунин ансамбл эҷод шудааст. ‖ Мқс. дуэт, квартет.

**ОКТОГЕ́Н**, [< юн. okto ҳашт + лот. *...ген*]. Як навъ моддаи таркандаи ба гармӣ тобовар, ки барои кандани чоҳҳои ниҳоят чуқури нафт истифода мебаранд.

**ОКТЯ́БР (ОКТЯ́БРЬ)**, [< лот. octo ҳашт]. **1**. Дар Рими Қадим – моҳи ҳаштуми сол (номаш аз ҳамин ҷост); баъди ислоҳоти тақвим аз ҷониби Юлий Сезар – моҳи даҳуми сол, ки 31 рӯз аст. ‖ Мқс. сентябр, ноябр. **2**. *таър.* Инқилобе, ки 25 октябри с. 1917 дар Россия барпо шуда буд.

**ОКТЯБРЯ́ТҲО**, [рус. < *октябр* (маънои 2)]. *таър.* Дар Иттиҳоди Шӯравӣ – талабагони 7 – 9-солае, ки дар гурӯҳҳои назди *дружинаи* пионерии мактаб ихтиёрӣ муттаҳид гардида, барои *пионер* шудан тайёрӣ медиданд.

**ОКУЛИРО́ВКА**, [< лот. oculus чашм, муғча]. *кшв.* Муғчапайванд.

**ОКУЛИ́СТ**, [< лот. oculus чашм]. Духтури чашм; мутахассиси бемориҳои чашм; *офталмолог* низ гӯянд.

**ОКУЛЯ́Р**, [< лот. ocularis чашмӣ]. Қисми асбоби оптикӣ (мас., заррабин, дурбин), ки аз як ё якчанд *линза* иборат буда, барои калонтар ё наздиктар карда нишон додани акси оптикӣ хизмат мекунад.

**О́КУН (О́КУНЬ)**, [рус.]. *зоол.* Аломоҳӣ; ҷинси моҳии серустухони обҳои ширин, ки ранги сабзтоби зард ва рахҳои сиёҳу болҳои сурхтоб дорад ва аз ин рӯ ало менамояд.

**ОКУ́ЧКА**, [рус.]. *кшв.* Каланд ё побел кардани зери ниҳолҳо.

**О́ЛДЕРМЕН (О́ЛЬДЕРМЕН),** [англ. alderman]. Дар баъзе мамлакатҳои англисизабон – узви шӯрои шаҳрӣ, ки бе гузарондани интихобот ба ҳайати ин шӯро дохил карда мешавад.

**ОЛЕА́НДР**, [фр. oleandre]. Буттаи ҳамешасабзи ҷанубӣ, ки гулҳои сафеду гулобӣ дорад; аз баргҳояш доруҳои дил тайёр мекунанд.

**ОЛЕА́Т**, [лот. oleum равған]. *хим.* Намаки кислотаи олеинӣ.

**ОЛЕИ́Н**, [лот. oleum равғани растанӣ]. *хим.* Кислотаи олеин – моеи часпаки беранг, бебӯй ва бетаъм, ки якҷоя бо *глитсерин* дар аксари равғанҳои наботӣ ва ҳайвонӣ вуҷуд дорад.

**ОЛЕО...**, [лот. oleum равған]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки бо равғани растанӣ ё равғанҳои диг. робита доштанро ифода мекунад, мас., *олеография*.

**ОЛЕОГРА́ФИЯ**, [< *олео...* + *...графия*]. Чопи сангии (*литографияи*) серранга.

**О́ЛЕУМ**, [лот. oleum равған]. *хим.* Маҳлули ангидриди сулфат $SO_3$ дар кислотаи сулфати беоб; дар истеҳсоли ранг, моддаҳои тарканда ва ғ. истифода мешавад.

**ОЛЕФИ́НҲО**, [лот. oleum равған]. *хим.* Синфи пайвастҳои органикӣ, карбогидридҳои носери занҷирашон кушод, ки як банди дучандаи карбон – карбон доранд; дар истеҳсоли *полимерҳо* истифода мебаранд.

**ОЛИ́ВА**, [лот. oliva]. Зайтун; дарахти ҳамешасабзи субтропикӣ, ки аз меваащ равғани хӯрокӣ ва техникӣ мегиранд.

**ОЛИВИ́Н**, [< лот. oliva]. *маъд.* Минерал, *силикати* магний ва оҳан, рангаш зарди сабзтоб; *перидот* низ гӯянд; навъи шаффофи О. санги қиматбаҳост, ки забарҷад (*хризолит*) меноманд.

**ОЛИГА́РХ**, [< *олигархия*]. Шахсе, ки ба *олигархия* мансуб бошад.

**ОЛИГА́РХИЯ**, [< юн. oligos кам, ақаллият + arche ҳокимият]. **1**. Сохти давлатие, ки дар он ҳокимияти сиёсӣ дар дасти доираи маҳдуди одамон, мас., роҳбарони бонкҳои калон, аст. **2**. Худи чунин давлат.

**ОЛИГЕМИ́Я**, [< юн. oligos кам + haima хун]. *тиб.* Кам шудани миқдори умумии хун (*плазма*, ҳуҷайраҳои хун) дар организм. ‖ Мқс. анемия.

**ОЛИГО**..., [< юн. oligos кам]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки кам будани чизеро ифода мекунад, мас., *олигофрения*.

**ОЛИГОКЛА́З,** [< *олиго*... + klasis шикастан]. *маъд.* Минерали ҷинсофарин аз гурӯҳи *шпатҳои* даштӣ.

**ОЛИГОПО́ЛИЯ**, [< *олиго*... + poleo мефурӯшам]. *иқт.* Ҳукмронии якчанд ширкати калони ба якдигар рақиб дар истеҳсолот ва бозор. ‖ Мқс. монополия, олигархия.

**ОЛИ́ГОСАХАРИ́ДҲО**, [< *олиго*... + *сахаридҳо*]. *хим.* Навъи *полисахаридҳое*, ки ҳангоми *гидролиз* ба якчанд *моносахарид* ҷудо мешаванд. ‖ Мқс. дисахаридҳо.

**ОЛИГОТРО́ФҲО**, [< *олиго*... + trophe ғизо]. Растаниҳое, ки дар заминҳои камғизо, мас., дар даштҳои хушк ва нимбиёбонҳо, мерӯянд. ‖ Мқс. мезотрофҳо.

**ОЛИГОТСЕ́Н (ОЛГОЦЕ́Н),** [< *олиго*... + kainos нав]. *геол.* Давра (замон, қисм)-и *палеоген*.

**ОЛИГОФА́ГИЯ**, [< *олиго*... + phagein хӯрдан]. Қобилияти намудҳои ками хӯрокро хӯрдани ҳавонот.

**ОЛИГОФРЕНИ́Я**, [< *олиго*... + phren ақл, хирад]. *тиб.* Камақлии модарзодӣ; аз кӯдакӣ пурра инкишоф наёфтани фаъолияти ақлонӣ.

**ОЛИГОФРЕНОПЕДАГО́ГИКА**, [< *олиго*... + phren ақл, хирад + *педагогика*]. Соҳаи нуқсоншиносӣ (*дефектология*), ки бо таълиму тарбияи кӯдакони ақлан ақибмонда (гирифтори *олигофрения*) машғул аст.

**ОЛИГУРИ́Я**, [< *олиго*... + uron пешоб]. *тиб.* Кампешобӣ; кам шудани миқдори пешобе, ки гурда ҷудо мекунад. Мқс. анурия, полиурия.

**ОЛИ́МП**, [юн. Olympos]. **1**. Номи кӯҳ дар Юнони Шимолӣ, ки, мувофиқи ривоят, дар он ҷо худоҳо бо сардории Зевс маскан гирифта будаанд; маҳфили худоҳо. **2**. *маҷ.* Аркон; зубдагон; авҷи аъло; қуллаи баланди чизе.

**ОЛИМПИА́ДА**, [юн. Olympias (Olympiados]. **1**. Дар Юнони Қадим – фосилаи чорсолаи байни бозиҳои олимпӣ, ки дар айни замон воҳиди солшуморӣ низ ҳисоб меёфт. **2**. Дар Юнони Қадим – ҷашн ва бозиҳои варзишие, ки дар шаҳри Олимпия ба шарафи Зевс дар 4 сол як маротиба гузаронда мешуданд. **3**. Ҳоло – мусобиқаҳои калони варзишие, ки Кумитаи байналмилалии олимпӣ дар чор сол як маротиба дар мамлакатҳои гуногун мегузаронад. **4**. Мусобиқаҳои даставӣ оид ба шоҳмот. **5**. Мусобиқаи имтиҳонмонанди талабагон барои беҳтар иҷро кардани супоришҳо дар ягон соҳаи дониш, мас., О.-и математика.

**ОЛИМПӢ**, [< *олимп, олимпиада*]. Мансуб ба *олимпиада*, мас. бозиҳои О.

**ОЛИ́ФА,** [< юн. aleipha равған]. Равғани чӯшондашудаи моеъ, ки барои тайёр кардани рангҳои равғанин, тар кардани чӯб, молидан ба маснуоти чӯбу тахтагин ва мақсадҳои диг. истифода мешавад.

**ОЛФАКТОМЕ́ТРИЯ (ОЛЬФАКТОМЕ́ТРИЯ),** [< лот. olfactus шомма + *...метрия*]. Шоммасанҷӣ; усули чен кардани қувваи бӯёӣ (шомма) бо роҳи нафаскашӣ бо бинӣ аз зарфи дорои моддаи бӯйдор.

**ОМ**, [ол. Ohm – номи физики олмонӣ Г. Ом]. *физ.* Воҳиди муқовимати электрикӣ дар Системаи воҳидҳои байналмилалӣ; муқовимати ноқиле мебошад, ки ҳангоми ба 1 А баробар будани қувваи ҷараён байни нӯгҳои он 1 В шиддат ба вуҷуд меояд.

**ОМА́Р,** [фр. homard]. *зоол.* Ҳайвони бемӯҳраи харчангшакли баҳрӣ аз гурӯҳи даҳпойҳо; вазнаш то 15 кг; гӯшташ болаззат аст.

**ОМБРОМЕ́ТР**, [< юн. ombros борон + *...метр*]. Боронсанҷ; асбоб барои чен кардани миқдори боришоти атмосферӣ.

**ОМБРОФИ́ЛҲО**, [< юн. ombros борон + phileo дӯст медорам]. *бот.* **1**. Растаниҳои борондӯст; растаниҳое, ки ба боронгариҳои бардавом, намнокии зиёди ҳаво ва таъсири механикии қатраҳои борон тобовар мебошанд. **2**. Растаниҳои соядӯст; баръакси *омброфобҳо*.

**ОМБРОФИ́ТҲО**, [< юн. ombros борон + phyton растанӣ]. *бот.* Растаниҳое, ки танҳо намии боришоти атмосфериро истифода мебаранд.

**ОМБРОФО́БҲО**, [< юн. ombros борон + phobos тарс]. *бот.* Растаниҳои минтақаҳои хушк, ки ба боронгариҳои бардавом ва намнокии зиёди ҳаво тоб намеоранд; баръакси *омброфилҳо*.

**О́МБУДСМЕН**, [шв. ombudsman]. Дар баъзе мамлакатҳо – шахси мансабдоре, ки ба қонунӣ будани амалҳои мақомоти давлатӣ ва риояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон назорат мекунад; дар Тоҷикистон, Россия ва як қатор мамлакатҳои диг. – ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон.

**ОМЕ́ГА,** [юн. қад.]. Ҳарфи охирини алифбои юнонӣ (Ω ω). ‖ Мқс. алфа, бета, гамма.

**ОМЛЕ́Т**, [фр. omelette]. Таоме, ки аз тухми дар шир ва орду *сода* латзадашуда тайёр мекунанд.

**ОММЕ́ТР**, [< *ом* + *...метр*]. *физ.* Асбоб барои чен кардани муқовимати фаъоли электрӣ бо *омҳо*.

**О́МНИБУС**, [< лот. omnibus барои ҳама]. Дар замонҳои пеш – аробаи бисёрҷоя барои аз як маҳал ба маҳали дигар кашондани одамон; баъдтар ҷои О.-ҳоро автобусҳо гирифтанд.

**ОМО́ГРАФҲО,** [< юн. homos якхела + *...граф*]. *збш.* Калимаҳои дар навишт якхела, вале дар талаффуз гуногун, мас., "сӯзон" (феъли амрӣ) ва «сӯзон» ба маънои "ҷӯш" (сифат).

**ОМОНИ́МИКА**, [< *омоним*]. *збш*. **1**. Қисми *лексикология*, ки *омонимҳоро* тадқиқ мекунад. **2**. Ҷамъи омонимҳои ягон забон.

**ОМО́НИМҲО**, [< юн. homos якхела + onyma ном]. *збш*. Калимаҳое, ки дар талаффуз ва навишт якхелаанд, вале маъноҳои гуногун доранд, мас., "рух" (ба маънои чеҳра) ва "рух" (ба маънои мӯҳраи шоҳмот). ‖ Мқс. антонимҳо, синонимҳо.

**ОМОФО́НҲО,** [< юн. homos якхела + ...*фон*]. *збш*. Калимаҳое, ки дар талаффуз якхелаанд, вале дар навишт гуногун, мас., "тӯп" ва "тӯб".

**ОМФА́Л, ОМФА́ЛОС**, [< юн. omphalos марказ, ноф]. Дар асотири юнониёни қадим – санги калони муқаддас, ки дар Делфа воқеъ шуда, гӯё нофи Замин ба шумор меравад.

**ОМФАЛИ́Т**, [< юн. omphalos марказ, ноф]. *тиб*. Варами пӯсти гирди нофи кӯдакони навзод дар натиҷаи мадда кардани захми ноф.

**ОНА́ГР**, [юн. onagros]. **1**. *зоол*. Гӯрхар. **2**. Манҷаниқ; аслиҳаи қалъашикан; олати махсусе, ки замонҳои қадим барои ба қалъаи муҳосирашуда партофтани санг, зарфҳои пур аз қатрони сӯзон ва м. инҳо истифода мешуд.

**ОНАНИ́ЗМ**, [< яҳ. қад. Онан – персонажи Библия]. Ниг. *мастурбатсия*.

**ОНДА́ТРА**, [< ҳинд. Ам.]. **1**. *зоол*. Мушобӣ; муши мушкбӯ; калламуши обӣ аз оилаи хояндаҳо, ки мӯинаи сиёҳи қиматбаҳо дорад; ватанаш Амрикои Шимолист. **2**. Мӯинаи ҳамин ҳайвон.

**ОНДУЛЯ́ТОР**, [фр. ondulateur]. *тех*. Олати электромеханикӣ, ки сигналҳои телеграфиро дар тасмаи ҳаракаткунандаи коғазӣ бо хати морак сабт мекунад.

**ОНЕЙРО́ИД**, [< юн. oniros хоббинӣ + eidos намуд]. *тиб*. Як намуди тирагии шуур, ки аз дарки нодурусти олами воқеӣ, дар пеши назар гӯё намудор шудани чизҳои набуда, майнаро банд кардани ҳар хел фикру хаёлҳои парокандаи фантастикӣ ва ғ. иборат мебошад.

**О́НИКС**, [юн. onyx]. *маъд*. Санги сулаймонӣ; як навъи ақиқ, ки аз қабатҳои сиёҳу сафед иборат аст.

**ОНИХИ́Я,** [< юн. onyx нохун]. *тиб*. Беморӣ нохун, ки ҳангоми он худи нохун, реша ва болиштаки он варам ва мадда мекунад.

**ОНИХОМИКО́З,** [< юн. onyx нохун + mykos занбӯруғ]. *тиб*. Бемории занбӯруғии нохун, ки ҳангоми он нохунҳо сиёҳ, хушк ва зудшикан мешаванд.

**ОНКО...**, [< юн. onkos варам, омос]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки ба бемориҳои онкологӣ ва тадқиқу муолиҷаи ин бемориҳо робита доштанро ифода мекунад, мас., *онкогенез, онкология*.

**ОНКОГЕНЕ́З**, [< *онко...* + ...*генез*]. Ташаккулёбии омос; раванди табдилёбии ҳуҷайраю бофтаҳои солим ба ҳуҷайраю бофтаҳои саратонӣ; *консерогенез* низ гӯянд

**ОНКОГЕНӢ,** [< *онко...* + genos пайдоиш, тавлид]. *тиб.* Вирусҳои онкогенӣ – вирусҳои омосовар, саратоновар; вирусҳое, ки боиси пайдошавии шаклҳои гуногуни омос мегарданд.

**ОНКОГЕ́НҲО,** [< *онко...* + *...ген*]. Зиёда аз 60 *гене*, ки ҳуҷайраҳои солимро ба ҳуҷайраҳои омосӣ табдил медиҳанд.

**ОНКОЛО́ГИЯ**, [< *онко...* + *...логия*]. Саратоншиносӣ; омосшиносӣ; фасли тиб, ки сабабҳои пайдоиши омос (саратон), инкишофи он, инчунин роҳҳои пешгирӣ ва табобати ин бемориро тадқиқ мекунад.

**ОНКОЛӢ**, [< англ. on call бо талаб]. *мол.* Қарзи (*кредити*) онколӣ – қарзи кӯтоҳмуҳлати тиҷоратие, ки шахси қарзгирифта онро бояд бо аввалин талаби қарзиҳанда баргардонад.

**ОНЛА́ЙН,** [англ. on line]. *инф.* **1**. Дар речаи вақти воқеӣ (мас., овоздиҳӣ тавассути *Интернет* дар речаи О.). **2**. Ҳар амале, ки дар ҳамин реча анҷом дода мешавад (мас., номнависӣ дар *сайти* О.). **3**. Фазои иттилоотии *Интернет*. **4**. Таҷҳизоти иловагии электронӣ, ки онро таҷҳизоти асосӣ идора мекунад, мас., *принтер*, ки фармонҳои компютерро иҷро менамояд.

**ОНЛА́ЙН-...**, [англ. on line]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки дар речаи вақти воқеӣ (*онлайн*) иҷро шудани амалеро ифода мекунад, мас., онлайн-овоздиҳӣ (овоздиҳӣ тавассути *Интернет* бо усули *онлайн*).

**ОНЛА́ЙН-БА́НКИНГ**, [англ. online banking]. Ниг. *Интернет-банкинг*.

**ОНЛАЙНӢ**, [< *онлайн*]. *инф.* Мансуб ба *онлайн*; шабакавӣ; дар шабакаи иттилоотӣ қарордошта; *браузери* онлайнӣ – барномае, ки кори компютерро дар ин ё он шабакаи компютерии маҳдуд (мас., дар муассиса) ё шабакаи компютерии ҷаҳонӣ (мас., дар *Интернет*) таъмин мекунад; *сервери* онлайнӣ – маркази компютерии шабакаи иттилоотӣ, ки ҳамзамон ба истифодабарандагони бисёр хизмат мерасонад.

**ОНОМА́СТИКА,** [юн. onomastike санъати номгузорӣ < onom ном]. *збш.* **1**. Фасли *лексикология*, ки исмҳои хосро меомӯзад; ба *топонимика* ва *антропонимика* ҷудо мешавад. **2**. Маҷмуи исмҳои хоси ин ё он забон.

**ОНОМАТОПЕ́Я**, [юн. onomatopoia]. *збш.* Тақлиди овоз (мас., овози ҳайвонот, одамон, техника, ҳодисаҳои табиат ва ғ.).

**ОНТОГЕНЕ́З**, [< юн. ontos ҳастӣ + *...генез*]. *биол.* Инкишофи фардии набототу ҳайвонот; тамоми тағйироту табаддулотеро дар бар мегирад, ки организм аз лаҳзаи пайдоиш то дами марг аз сар гузарондааст.

**ОНТОГЕНЕ́ТИКА**, [< юн. ontos ҳастӣ + *...генетика*]. *биол.* Фасли *генетика*, ки асосҳои *генетикии* (ирсии) инкишофи фардии организм ва нақши *генотипро* дар системаи умумии *онтогенез* меомӯзад.

**ОНТОЛО́ГИЯ**, [< юн. ontos ҳастӣ + *...логия*]. *фалс*. Таълимоти фалсафӣ дар бораи ҳастӣ.

**ООГА́МИЯ**, [< юн. oon тухм + *...гамия*]. *биол*. Дараҷаи олии *гетерогамия*, ки ҳангоми он дар бордоркунӣ ҳуҷайраҳои ҷинсии аз якдигар ба куллӣ фарққунандаи модина ва нарина – тухмҳуҷайраи калони беҳаракат ва *сперматозоиди* хурди серҳаракат ё *сперматсияи* беҳаракат иштирок мекунанд; ба одам, ҳайвоноти серҳуҷайра ва аксари растаниҳои олӣ хос аст.

**ООГЕНЕ́З**, [< юн. oon тухм + *...генез*]. *биол*. Раванди инкишофи ҳуҷайраҳои ҷинсии модина дар тухмдони одам ва ҳайвонот. ‖ Мқс. гаметогенез.

**ООГО́НИЙ**, [< юн. oon тухм + gonos тавлид]. *биол*. **1**. Узви ҷинсии якҳуҷайрагии модинаи баъзе обсабзҳо ва занбӯруғҳо, ки дар даруни он як ё якчанд тухмҳуҷайра ташаккул меёбад. **2**. Ҳуҷайраи ҷинсии модинаи ҳайвоноту наботот, ки аз он тухмҳуҷайра пайдо мешавад.

**ООЛИ́ТҲО**, [< юн. oon тухм + lithos санг]. *геол*. Ташкилаҳои минералии кулӯлашакл, ки аз карбонатҳо ва оксидҳои марганетс ва оҳан иборатанд.

**ООМИСЕ́ТҲО (ООМИЦЕ́ТҲО)**, [< юн. oon тухм + mykes занбӯруғ]. *бот*. Синфи занбӯруғҳои дараҷаи паст, ки бо роҳи *оогамия* афзоиш меёбанд; аксари онҳо ангал (*паразит*) буда, дар бадани обсабзҳо, моҳиҳо, кирмҳо, растаниҳо зиндагӣ мекунанд ва боиси бемориҳои гуногун мегарданд.

**ООФОРИ́Т**, [< юн. oophoron тухмдон]. *тиб*. Газаки тухмдон.

**ООСИ́Т (ООЦИ́Т)**, [< юн. oon тухм + kytos ҳуҷайра]. *биол*. Ҳуҷайраи ҷинсии зан дар давраи инкишоф ва болиғшавии он.

**ОПА́К**, [лот. opacus ношаффоф]. Навъи гили сафед, ки аз он зарф месозанд, инчунин зарфҳои сафеде, ки аз чунин гил сохта шудаанд.

**ОПА́Л**, [лот. opalus]. *маъд*. Айнушшамс; санги шишамонанди зарди сафедтоб ё кабудтоб, ки баъзе намудҳояш қиматбаҳоянд.

**ОП-А́РТ**, [англ. op art]. Равияе дар санъати тасвирии муосир, ки воситаҳои гуногуни оптикиро бо мақсади ороиш истифода мебарад.

**О́ПЕН-СПЕЙС,** [англ. open space < open кушода + space фазо]. Ҳуҷраи калони кории ташкилот, муассиса, ки бо тавораи на чандон баланд ба якчанд ҳуҷрачаи корӣ ҷудо карда шудааст.

**О́ПЕН-ЭЙР,** [англ. open air ҳавои кушод < open кушод + air ҳаво]. Чорабинӣ (консерт, намоиши театрӣ, фестивал ва ғ.) дар ҳавои кушод.

**О́ПЕР,** [рус. – кӯтоҳшудаи оперуполномоченный]. *жарг., гуфт*. Корманди милиса (политсия), ки бо корҳои ҷустуҷӯи фаврӣ машғул аст.

**О́ПЕРА,** [< лот. opera асар]. **1**. Асари мусиқию драмавие, ки барои иҷро кардан дар театр таъйин шудааст, инчунин намоиши театрие, ки дар он иҷрокунандагони

нақшҳо бо ҳамовозии оркестр месароянд. || Мқс. оперетта. **2**. Театре, ки дар он чунин асарҳо иҷро карда мешаванд.

**О́ПЕРА-БУФФ,** [ит. opera buffa]. Операи мазҳакавӣ, ки асрҳои гузашта дар Италия маъмул шуда буд.

**ОПЕРА́НД,** [англ. operand]. Бузургие, ки бо он дар рафти иҷрои барномаҳои компютерӣ ҳар гуна амалҳо ба ҷо оварда мешаванд, мас., дар вақти ҳал кардани масъалаҳои арифметикӣ ҷамъшаванда, зарбшаванда ва ғ.-ро О. меноманд.

**ОПЕРАТИВӢ**, [< *оператсия*]. **1**. Мансуб ба *оператсия* (маъноҳои 1 ва 2). **2**. Зудамал, фаврӣ; ба зуд ва саривақт иҷро намудани ягон кор ё супориш, ислоҳ кардани кабудиҳо, бартараф намудани оқибатҳои ягон ҳодиса қобилиятдошта, мас., гурӯҳи О.-и милиса, ситод (*штаб*)-и О.-и рафъи оқибатҳои заминларза.

**ОПЕРА́ТОР,** [лот. operator амалкунанда]. **1**. Идоракунандаи ягон иншоот, таҷҳизот, дастгоҳ. **2**. Наворбардори кино, телевизион. **3**. *инф*. Фармон ё гурӯҳи фармонҳои барнома, ки бо ягон забони барномасозӣ таҳия шудаанд. **4**. Иштирокчии *биржа*, ки фармонҳои муштариёни худро дар бораи харидан ё фурӯхтани асъор, мол ё коғазҳои қиматнок иҷро мекунад. **5**. *кухна*. Ҷарроҳ.

**ОПЕРА́ТСИЯ (ОПЕРА́ЦИЯ)**, [< лот. operatio амал, кор].**1**. *тиб*. Ҷарроҳӣ. **2**. *ҳарб*. Амалиёти ҳарбие, ки пешакӣ мувофиқа намуда, аз рӯи нақшаи ягона гузаронда мешавад. **3**. Амалиёте, ки бо мақсади иҷрои вазифаҳои молиявӣ, бонкӣ, саноатӣ ва ғ. ба ҷо оварда мешавад. **4**. *инф*. Амали компютер, ки ҳангоми коркарди иттилоот бо ягон фармони муайян иҷро карда мешавад.

**ОПЕРЕ́ТТА**, [ит. operetta < *опера*]. *санъ*. Асари мусиқию драмавие, ки аз муколама, мусиқӣ ва рақсу сурудҳои мазҳакавӣ иборат аст. || Мқс. водевил, мюзикл, опера.

**О́ПИЙ**, [< лот. opium]. Ниг. *опиум*.

**ОПИОМА́НИЯ,** [< *опий* + *...мания*]. Навъи нашъамандӣ – майли сахти бангиёна ба афюн (тарёк) ва доруҳои афюнӣ.

**О́ПИУМ**, [< лот. opium]. Афюн; тарёк; шираи ғӯзаи кӯкнор, ки доруи бедардкунанда ва кайфовар аст, аммо истеъмоли аз меъёр зиёдаш ба нашъамандӣ мебарад. || Мқс. героин, наркотик.

**ОПОПАНА́КС,** [< юн. opos шира + panax дору]. *бот*. Ҷинси растаниҳои бисёрсола аз оилаи чатргулҳо; дар решааш моддаҳое вуҷуд доранд, ки дар атторӣ ба кор мераванд.

**ОПО́ССУМ**, [ҳинд. Ам.]. *зоол*. Ҳайвони ширхӯр аз оилаи халтадорон, ки думи дарози гиро дорад (тақр. 80 намуд); дар қитъаи Амрико зиндагӣ мекунад.

**ОППОЗИТСИОНЕ́Р (ОППОЗИЦИОНЕ́Р)**, [< *оппозитсия*]. Ҷонибдор, узви *оппозитсия* (маънои 2). || Мқс. диссидент.

**ОППОЗИ́ТСИЯ (ОППОЗИ́ЦИЯ)**, [< лот. oppositio муқобилгузорӣ]. **1**. Мухолифат, зиддият, муқобилат. **2**. Мухолифин; гурӯҳе, ки дар дохили ягон ташкилот, ҷамъият, ҳизб фикру ақидаи худро ба фикру ақидаи аксарият муқобил мегузорад.

**ОППОНЕ́НТ**, [< лот. opponens радкунанда]. **1**. Ҳариф дар баҳс. **2**. Шахсе, ки дар бораи асари илмӣ ё маърӯзае изҳори ақида мекунад, ба он баҳо медиҳад.

**ОППОРТУНИ́ЗМ**, [< лот. opportunus қулай, мувофиқ]. **1**. Созишкорӣ, муросо, бепринсипӣ. || Мқс. конформизм. **2**. *таър*. Дар Россияи нимаи дуюми асри 19 – сиёсати ҳизбҳои сотсиал-демократӣ ва сотсиалистии майдабуржуазӣ, ки манфиатҳои синфии *пролетариат* ва тамоми меҳнаткашонро ба манфиатҳои *буржуазия* тобеъ намуда, бо он муросо кардан ва аз воситаҳои мубориза инқилобӣ ва диктатураи пролетариат даст кашиданро талқин мекард.

**ОППОРТУНИ́СТ**, [< *оппортунизм*]. **1**. Созишкор, муросокунанда, бепринсип. **2**. Ҷонибдор, пайрави *оппортунизм* (маънои 2).

**ОПСИО́Н (ОПЦИО́Н),** [< лот. optio интихоб]. *мол*., *ҳуқ*. **1**. Ҳуқуқи интихоби усул, шакл, ҳаҷм ва роҳҳои иҷрои ӯҳдадориҳо, ки мувофиқи шартҳои шартнома (қарордод) ба яке аз тарафҳо дода шудааст, ё ҳуқуқи даст кашидан аз иҷрои ӯҳдадориҳо дар мавридҳои пешбининамудаи шартнома. **2**. Созишномае, ки дар муомилоти биржавии хариду фурӯш ба яке аз тарафҳо барои интихоби шартҳои алтернативии шартнома ҳуқуқ медиҳад. **3**. Созишномаи пешакӣ дар бораи бастани шартнома ба мӯҳлате, ки тарафҳо аҳду паймон кардаанд. **4**. Ҳуқуқи хариди саҳмияҳо бо нархҳои устувор, ки баъзе ширкатҳо ба кормандони худ медиҳанд.

**О́ПСИЯ (О́ПЦИЯ)**, [< лот. optio интихоб]. **1**. Имтиёзе, ки фурӯшанда ба харидор медиҳад. **2**. *инф*. Яке аз бахшҳои меню (ниг. *меню*, маънои 3); маҷмуи амалҳои танзими ин ё он бузургии (*параметри*) барномаи компютерӣ, мас., интихоби ҳуруфи матн.

**ОПТА́НТ**, [< *оптатсия*]. *ҳуқ*. Шахсе, ки ба интихоби раият (шаҳрвандӣ) ҳуқуқ дорад.

**ОПТАТИ́В**, [< лот. optativus матлуб]. *збш*. Сиғаи матлубии феъл.

**ОПТА́ТСИЯ (ОПТА́ЦИЯ)**, [< лот. optatio хоҳиш, интихоб]. *ҳуқ*. Додани ҳуқуқи интихоби раият (шаҳрвандӣ) ба аҳолии минтақаҳое, ки доимо аз як давлат ба давлати дигар гузашта меистанд.

**О́ПТИК**, [< *оптика*]. Мутахассис, олими соҳаи *оптика*.

**О́ПТИКА,** [юн. optike]. **1**. Соҳаи физика, ки ҳодисаҳо ва хосиятҳои равшаниро меомӯзад. **2**. Номи умумии асбобҳое, ки кори онҳо ба инъикос ва шикасти нурҳо асос ёфтааст. **3**. Фурӯшгоҳи айнак, линзаи рӯичашмӣ ва диг. молҳое, ки барои одамони дорои нуқсони босира таъйин шудаанд.

**ОПТИКӢ,** [< *оптика*]. **1**. Мансуб ба оптика. **2**. Мансуб ба рӯшноӣ, босира; фиреби О. – фиреби босира, фиреби назар.

**ОПТИКОМЕТРИ́СТ,** [< *оптика +...метрия*]. Корманди ихтисосноки *оптика* (маънои 3), ки қувваи босираи муштариёнро санҷида, барояшон айнаки мувофиқ интихоб мекунад.

**ОПТИМАЛӢ**, [< лот. optimus беҳтарин]. Мувофиқ, муносиб, беҳтарин.

**ОПТИМИЗА́ТСИЯ (ОПТИМИЗА́ЦИЯ)**, [< лот. optimus беҳтарин]. **1**. Интихоби варианти беҳтарин аз чандин варианти мавҷуда ё имконпазир. **2**. Мувофиқ (муносиб) кардан. **3**. *мат*. Ёфтани қимати калонтарин ё хурдтарини ягон *функсия*.

**ОПТИМИ́ЗМ**, [< лот. optimus беҳтарин]. Некбинӣ, хушбинӣ, зиндадилӣ, рӯҳбаландӣ; бовар ба ояндаи нек, ба комёбӣ; пеш аз ҳама дидани тарафҳои хуби ҳар чиз; баръакси *пессимизм*.

**ОПТИМИ́СТ**, [< *оптимизм*]. Некбин, хушбин, зиндадил, ҳамешашод.

**О́ПТИМУМ**, [< лот. optimum беҳтарин]. Маҷмуи шароити нисбатан мусоид, мувофиқ, созгор.

**ОПТОЭЛЕКТРО́НИКА,** [< *оптика + электроника*]. Соҳаи *электроника*, ки ба якдигар таъсир расондани афканишоти оптикӣ ва электронҳоро таҳқиқ мекунад.

**ОПТРО́Н**, [< *оп(тика) + элек(трон)*]. Асбоби электронӣ, ки дар он сигналҳои оптикӣ ё электронӣ тақвият ё тағйир дода мешаванд.

**ОПУ́НСИЯ (ОПУ́НЦИЯ)**, [юн. opuntos]. *бот*. Тафтунӣ; растание аз оилаи гулҳои ханҷарӣ (*кактусҳо*), ки навдаю меваи сершираи хӯрданбоб дорад.

**О́ПУС**, [< лот. opus асар]. **1**. *мус*. Асари алоҳидаи мусиқӣ, ки бо рақами тартибӣ дар қатори асарҳои дигари оҳангсоз нишон дода мешавад. **2**. *маҷ*. Умуман асар.

**ОРА́КУЛ**, [< лот. oraculum каромот, пешгӯӣ]. **1**. Дар аҳди атиқа – пешгӯиҳое, ки коҳинон аз номи худо ба муътақидин эълон мекарданд. **2**. Ҷое, ки чунин пешгӯиҳо эълон карда мешуданд. **3**. *маҷ*. Паёмбар, вахшур; шахсе, ки тамоми гуфтаҳояш чун ҳақиқати кулл, чун ваҳй эътироф карда мешаванд.

**ОРАЛӢ**, [< лот. os (oris) даҳон]. Мансуб ба даҳон; даҳонӣ; дар тарафи даҳон ҷойгиршуда; ба воситаи даҳон амалишаванда; д о р у ҳ о и О. – доруҳои ба воситаи даҳон додашаванда (хӯрдашаванда, нӯшидашаванда). || Мқс. аборалӣ, аналӣ.

**ОРАНГУТА́НГ**, [< малай. orang hutan одами ҷангалӣ]. *зоол*. Маймуни одамшакл, ки қадаш баробари қади одам буда, дастҳои дароз дорад (қариб то замин мерасанд); дар ҷазираҳои Калимантан ва Суматра зиндагӣ мекунад. || Мқс. горилла, шимпанзе.

**ОРАНЖЕРЕ́Я**, [фр. orangerie]. Хонаи гарми деворҳояш шишагин барои парвариши растаниҳои гармидӯст; гармхона, гулхона.

**ОРА́ТОР**, [< лот. orare гап задан, сухан гуфтан]. **1**. Нотиқ, наттоқ. **2**. *маҷ*. Одами сухандон, суханвар, суханпардоз, хушсухан.

**ОРАТО́РИЯ**, [ит. oratorio]. *мус.* Асари калони мусиқӣ барои хор, сарояндагон ва оркестр, ки сужети драмавӣ дошта, дар консертҳо иҷро карда мешавад. || Мқс. кантата.

**ОРБИ́ТА**, [< лот. orbita роҳ]. **1**. Мадор; роҳи ҳаракати ҷирми осмонӣ ё киштии кайҳонӣ. **2**. *маҷ.* Доира, мас. доираи фаъолият, доираи интишор, доираи нуфуз. **3**. Косахонаи чашм.

**ОРГА́ЗМ**, [< юн. orgao ба шавқ меоям]. Ҳисси гуворое, ки одатан дар авҷи алоқаи ҷинсӣ ҳамзамон бо нутфарезии (*эякулятсияи*) мард ва тарашшӯҳи моеъ аз маҳбали зан пайдо мешавад.

**О́РГАН¹**, [< лот. organum силоҳ, асбоб]. Узв; қисми организми растанӣ ва ҳайвон, ки сохт ва вазифаи муайян дорад.

**О́РГАН²**, [< лот. organum силоҳ, асбоб]. **1**. Мақом; мақомот; муассисае, ки дар ягон соҳа вазифаи муайянро иҷро мекунад. **2**. Нашрияи даврие, ки ба ягон ҳизб, муассиса, ташкилот тааллуқ дорад. **3**. *гуфт.* Кумитаи амнияти миллӣ ё шуъбаи он.

**ОРГА́Н,** [лот. organon]. Ниг. арғунун.

**ОРГАНА́ЙЗЕР**, [лот. organizer]. Рӯзнома-блокнот ё ҷиҳози мобилӣ (барномаи компютерӣ), ки вазифаи дафтарчаи хотираро иҷро мекунад.

**ОРГАНЕ́ЛЛАҲО**, [лот. organella]. *биол.* **1**. Қисмҳои бадани ҷонварони якҳуҷайра (содатаринҳо), ки вазифаҳои гуногунро иҷро мекунанд. **2**. Ниг. *органоидҳо*.

**ОРГАНИ́ЗМ**, [< лот. organon узв, восита]. **1**. Ҷисми зинда (ҳайвонӣ ё наботӣ), ки аз ҳуҷайраҳо ва узвҳои якҷоя амалкунанда иборат аст. **2**. Сиришт, табиат; маҷмуи хусусиятҳои ҷисмонӣ ва рӯҳии одам. **3**. Иттиҳодияи мураккаб, мас., О.-и давлатӣ.

**ОРГА́НИКА**, [< лот. organum силоҳ, асбоб]. *хим.*, *кшв.* Номи умумии нуриҳои органикӣ ва, умуман, пайвастҳои органикӣ.

**ОРГАНИКӢ**, [< лот. organon узв, восита, асбоб]. **1**. Мансуб ба организм; мутааллиқ ба олами ҳайвонот ва наботот, мас., олами О., пайвастҳои О., нуриҳои О. **2**. Таркибӣ; аз омезиш ва ба ҳам омадани чанд чиз пайдошуда.

**ОРГАНОГЕНЕ́З,** [< *орган¹* + *...генез*]. *биол.* Дар ҳайвонот ба вуҷуд омадан ва инкишоф ёфтани узвҳо.

**ОРГАНОГЕНӢ,** [< *орган¹* + *ген*]. *геол.* Ҷинсҳои кӯҳии органогенӣ – ҷинсҳои таҳшинии кӯҳӣ, ки аз боқимондаҳои ҳайвоноту наботот ташаккул ёфтаанд.

**ОРГАНО́ИДҲО,** [< *орган¹* + eidos намуд]. *биол.* Қисмҳои доимии ҳуҷайра, ки вазифаҳои муайянро иҷро мекунанд.

**ОРГАНОЛЕПТӢ**, [< *орган¹* + lepton ҷузъ]. *физиол.* Бо ёрии узвҳои ҳис даркшаванда.

**ОРГАНО́Н,** [< лот. organon узв, восита, асбоб]. Номи маҷмуаи асарҳои файласуфи Юнони Қадим Арасту оид ба мантиқ.

**ОРГА́НОПЛА́СТИКА**, [< *орган*[1] + *пластика*]. *тиб.* Ҷарроҳии *пластикии* узвҳои маъюбшуда ё нодуруст инкишофёфта.

**ОРГА́НОТЕРАПИ́Я**, [< *орган*[1] + *терапия*]. *тиб.* Табобат бо доруҳое, ки аз узвҳои ҳайвонот тайёр карда шудаанд.

**О́РГИЯ**, [< лот., юн. orgia расму оини махфӣ]. **1**. Дар аҳди атиқа – иде, ки ба шарафи худоҳо, аз он ҷумла худои шароб ва айшу ишрат – Вакх барпо карда мешуд ва аксари вақтҳо бо айшу нӯш ва алоқаҳои шаҳвонии фосиқона анҷом меёфт. **2**. *маҷ.* Айшу ишрати беадабона; кайфу сафои фосиқона. || Мқс. вакханалия.

**ОРГТЕ́ХНИКА,** [< рус. – кӯтоҳшудаи организационная техника]. Маҷмуи таҷҳизот ва асбобу анҷом барои таҳия, нигоҳдорӣ, коркард, нусхабардорӣ ва интиқоли иттилоот, аз қабили *компютер, принтер, сканер, телефон, факс, калкулятор* ва м. инҳо.

**ОРДА́ЛИЯ**, , [< лот. ordo тартиб, дараҷа]. *таър.* "Ҳукми илоҳӣ"; дар аҳди қадим ва асрҳои миёна – усули муқаррар кардани гуноҳ ё бегуноҳӣ бо роҳи озмоиш дар оташ, об, партофтан аз баландӣ ва ғ.

**ОРДЕН**[1], [< лот. ordo тартиб, дараҷа]. Мукофоти фахрӣ (нишони сарисинагӣ) барои хизматҳои арзанда. || Мқс. медал.

**ОРДЕН**[2], [< лот. ordo тартиб, дараҷа]. **1**. *таър.* Дар Аврупои ғарбии асрҳои миёна – номи умумии табақаҳои гуногуни аҳолӣ; ҷамъият одатан ба 3 орден тақсим карда мешуд: ибодаткунандагон, размандагон ва меҳнаткашон. **2**. Ташкилоти роҳибии католикӣ, ки оинномаи муайяни худро дошт, мас., О.-и *иезуитҳо*. **3**. Ҳамин гуна ташкилоти *ритсарӣ* дар асрҳои миёна. **4**. Номи баъзе ҷамъиятҳои махфӣ, мас. О.-и *масонҳо*.

**ОРДЕР**[1]**,** [< фр. ordre фармон, амр]. Фармон, амр ё дастури хаттӣ барои гирифтан ё додани ягон чиз, иҷрои ягон амал, мас., О.-и хона, О. барои кофтуков.

**ОРДЕР**[2]**,** [< фр. ordre фармон, амр]. **1**. *меъм.* Як навъ композитсияи меъморӣ, ки аз сутуну зершервониҳо иборат аст. **2**. *ҳарб.* Мутаносибан бо якдигар ҷойгир шудани киштиҳои ҳарбӣ ва ҳавопаймоҳо (чархболҳо)-и якҷоя бо онҳо амалкунанда ҳангоми иҷрои ягон амалиёти ҳарбӣ.

**ОРДИНА́Р,** [< лот. ordinarius муқаррарӣ]. Сатҳи миёнаи бисёрсолаи оби дарё ва халиҷҳо, ки барои ҳисоб кардани паст ё баландшавии сатҳи об чун меъёр хизмат мекунад.

**ОРДИНА́РЕТС (ОРДИНА́РЕЦ)**, [< лот. ordinare идора кардан]. Хизматчии ҳарбие, ки доимо дар назди *командир* буда, супоришу дастурҳои ӯро иҷро мекунад, фармонҳои ӯро ба ҷойҳои даркорӣ мерасонад, инчунин ҳамин гуна хизматчии ҳарбӣ дар ситод (штаб).

**ОРДИНА́ТА**, [< лот. ordinatus мураттаб]. *мат.* Яке аз *координатаҳои* росткунҷа, ки дар баробари *абстсисса* мавқеи нуқтаро дар ҳамворӣ муайян мекунад.

**ОРДИНА́ТОР**, [< лот. ordinator маъмур]. **1**. Духтури муассисаи табобатӣ (мас., беморхона), ки таҳти роҳбарии мудири шуъба кор мекунад. **2**. Духтуре, ки дар *курси* бозомӯзии назди *клиника* ё пажӯҳишгоҳи тиббӣ таҳсил менамояд (одатан баъди хатми мактаби олии тиббӣ). || Мқс. интерн, экстерн.

**ОРДИНАТУ́РА**, [< лот. ordinare идора кардан]. **1**. Вазифаи *ординатор* дар беморхона ё *клиника*. **2**. Дар мамлакатҳои ИДМ шакли такмили ихтисос ва бозомӯзии духтурон дар мактабҳои олии тиббӣ, институтҳои такмили ихтисос ё пажӯҳишгоҳҳои тиббӣ.

**ОРДО́ВИК**, [< лот. Ordovices]. *геол.* Давраи дуюми *палеозой*, ки тақрибан 65 млн сол давом кардааст. || Мқс. девон, карбон.

**ОРДО́ВИКҲО**, [лот. Ordovices]. *таър.* Қабилаҳои келт, ки дар замони империяи Рим дар қисми шимолии Уэлс зиндагӣ мекарданд.

**ОРДОНА́НС**, [< лот. ordinare идора кардан]. **1**. *таър.* Фармони шоҳ дар Фаронса (асрҳои 12 – 18) ва Англия (асрҳои 13 – 16). **2**. Қарори ҳукумат дар Фаронса ва баъзе мамлакатҳои диг.

**ОРЕА́ДА**, [< юн. oreias кӯх]. Дар асотири юнониёни қадим – парии кӯҳсор. || Мқс. нереида, нимфа.

**ОРЕО́Л**, [фр. aureole]. **1**. Ниг. *нимб*. **2**. Хиргоҳ; партав; равшании доирашакли гирди ягон чизи дурахшон, нурфишон, мас., Моҳ. **3**. *маҷ*. Фар, партав.

**ОРИГА́МИ**, [яп.]. Санъати аз коғаз сохтани ҳар гуна чизҳо (бо роҳи қат кардани вараqи коғаз ба ҳар тараф).

**ОРИГИНА́Л**, [< лот. originalis асосӣ, ибтидоӣ]. **1**. Ҳар чизи аслӣ, на нусхаи он, мас., асари О., ҳуҷҷати О. **2**. Дастнависе, ки аз рӯи он дар матбаа матн мечинанд. **3**. Матне, ки ба забони диг. тарҷума карда мешавад. **4**. *маҷ*. Одами ғалатӣ; турфа одаме.

**ОРИЕНТАЛИ́ЗМ**, [< лот. orientalis шарқӣ]. **1**. *збш.* Калимаю ибораҳои аз забонҳои шарқӣ иқтибосшуда. **2**. *адш.* Истифодаи қиссаҳо, сужетҳо ва услубҳои тасвири бадеии шарқӣ дар фарҳанги Аврупо.

**ОРИЕНТАЛИ́СТ**, [< лот. orientalis шарқӣ]. Шарқшинос; ховаршинос; мутахассиси забон, таърих ва фарҳанги мамлакатҳои Шарқ.

**ОРИЕНТАЛИ́СТИКА**, [< лот. orientalis шарқӣ]. Шарқшиносӣ; ховаршиносӣ; маҷмуи илмҳое, ки таърих, иқтисод, забон, адабиёт, санъат, дин ва фалсафаи мамлакатҳои Шарқро меомӯзанд. || Мқс. германистика, синология.

**ОРИЕНТАЛӢ**, [< лот. orientalis шарқӣ]. Шарқӣ; хоси мардуми Шарқ.

**ОРИЕНТА́ТСИЯ (ОРИЕНТА́ЦИЯ),** [< лот. oriens шарқ]. **1**. Муайян кардани мавқеи худ дар маҳал (пештар рӯ ба Шарқ гардонда муайян мекарданд). **2**. Маҳорати сарфаҳмравӣ ба ин ё он вазъият; балад будан; шиносоӣ доштан. **3**. *маҷ*. Тамоюл; рӯоварӣ. **4**. Ба ин ё он соҳа (самт) равона будани (гардондани) фаъолият. **5**. Мавқеи меҳварҳои геометрии олоти кайҳонӣ нисбати ҷирмҳои осмонӣ, хатҳои қувваи майдони магнитӣ ё майдони *гравитатсионӣ*.

**ОРИЕНТИ́Р**, [< *ориентатсия*]. Нишона, аломат; самтнамо; ягон чизи калони беҳаракат, ки барои муайян кардани мавқеъ, самт, роҳ ёрӣ мерасонад, мас., дарахт, симчӯб ва ғ.

**ОРИКТОСЕНО́З (ОРИКТОЦЕНО́З)**, [< юн. oryktos мунқариз + koinos умумӣ]. *пал*. Маҷмуи боқимондаҳои ба санг (*минерал*) табдилёфтаи ҳайвоноту набототи мунқариз.

**ОРИО́Н**, [юн. Orion]. **1**. Дар асотири Юнони Қадим – шикорчии азимҷусса, ки аз тарафи маъшуқааш Артемида кушта шуд ва худоҳо ӯро ба бурҷи осмон табдил доданд. **2**. *астр*. Бурҷи Ҷаббор, ки дар нимкураи ҷанубии осмон ҷойгир шудааст.

**ОРИФЛА́ММА**, [фр. oriflamme < лот. aurum тилло + flamma аланга]. **1**. *таър*. Парчами шоҳ дар Фаронсаи асрҳои миёна (ниг. инчунин *штандарт*). **2**. Парчами калоне, ки аз як тарафи кӯча ба тарафи дигари он бо ресмон овехта мешавад.

**ОРКЕ́СТР**, [фр. orchestre < юн. orchestra майдончаи пеши саҳна дар театрҳои Юнон]. **1**. Гурӯҳи мусиқинавозон, ки бо созҳои гуногун оҳангеро якҷоя менавозанд. || Мқс. ансамбл. **2**. Ҷои махсус дар пеши саҳна барои мусиқинавозон.

**ОРКЕСТРИО́Н**, [< *оркестр*]. **1**. Арғунун (орга́н)-и на чандон калон. **2**. Номи созҳои мусиқии гуногуни арғунуншакл, ки овози оркестрро тақлид мекунанд; ҳоло ҷои О.-ро *синтезатор* гирифтааст.

**ОРНА́МЕНТ**, [лот. ornamentum зебу зиннат]. **1**. *санъ., меъм*. Нақшу нигор; гулкорӣ. **2**. *мус*. Форамтар кардани мусиқии асосӣ бо ёрии савту навоҳои иловагӣ, мас., бо чаҳчаҳи булбул, хониши кабк ва ғ.

**ОРНАМЕНТА́ТСИЯ (ОРНАМЕНТА́ЦИЯ),** [< *оркестр*]. *санъ., меъм*. **1**. Бо нақшу нигор оро додани чизе, мас., иншооти меъморӣ. **2**. Ниг. *орнаментика* (маънои 1).

**ОРНАМЕ́НТИКА**, [< *орнамент*]. *мус*. **1**. Маҷмуи савту навоҳои иловагие, ки мусиқии асосиро зиннат медиҳанд. **2**. Ниг. *орнамент* (маънои 2).

**ОРНИТО**…, [< юн. ornis (ornitos) паранда]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки маънои парандаро ифода мекунад, мас., *орнитология*.

**ОРНИТО́З,** [< юн. ornis (ornitos) паранда]. *байт*. Бемории вирусии паранда, ки ба одам сироят мекунад, мас., ба воситаи гӯшт ё тухми он.

**ОРНИТО́ЛОГ**, [< *орнито... + ...лог*]. Парандашинос; олим ё мутахассиси соҳаи *зоология*, ки парандаҳоро меомӯзад.

**ОРНИТОЛО́ГИЯ**, [< *орнито... + ...логия*]. Парандашиносӣ; фасли *зоология*, ки парандаҳоро меомӯзад.

**ОРНИТОМИ́М**, [< *орнито...* + mimos тақлид]. *пал. Динозаври* дарандаи бедандони давраи бӯр, ки бо сохти косахонаи сар ва устухонҳои баданаш ба парандаҳо шабоҳат дошт.

**ОРНИТОПО́Д**, [< *орнито...* + pus (podos) пой]. *пал. Динозаври* растанихӯр, ки чун парандаҳо бо ду пой роҳ мегашт; парандакос.

**ОРНИТОПТЕ́Р**, [< *орнито...* + pteron бол]. Олати парвозкунандаи вазнинтар аз ҳаво, ки болҳояшро чун парандаҳо афшонда парвоз мекунад.

**ОРНИТОФА́УНА**, [< *орнито... + фауна*]. *зоол.* Маҷмуи парандаҳое, ки дар ҳудуди муайяне сукунат доранд ё дар давраи муайяни таърихи Замин зиндагӣ кардаанд.

**ОРНИТОФИ́ЛИЯ**, [< *орнито... + …филия*]. *бот.* Гардолудшавии баъзе растаниҳо бо ёрии парандаҳо.

**ОРНИТОХО́РИЯ,** , [< *орнито...* + choreo меравам, паҳн мешавам]. *бот.* Тавассути парандаҳо паҳн шудани мева ва тухми растанӣ.

**ОРОГЕНЕ́З, ОРОГЕНЕ́ЗИС**, [< юн. oros кӯҳ + *...генез*]. *геол.* Кӯҳпайдошавӣ; ҳаракатҳои тектонии амудие, ки аз таъсири *массаҳои* тазйиқовар ба амал омада, боиси пайдошавии кӯҳҳо мегарданд.

**ОРОГРА́ФИЯ**, [< юн. oros кӯҳ + *...графия*]. *геол.*, *геогр.* Тасвири унсурҳои релйефи сатҳи Замин (ағбаҳо, теппаҳо, чуқуриҳо ва ғ.) ва таснифи онҳо аз рӯи аломатҳои беруниашон (мас., шакл, андоза, самташон).

**ОРТ¹**, [< ол. Ort ҷой]. Кони зеризаминии уфуқӣ, ки зери кунҷи муайян тоб хӯрда, ба тарафи ҷои воқеъшавии кандании фоиданок меравад; ба сатҳи замин роҳи баромад надорад.

**ОРТ²**, [< юн. orthos рост]. *мат. Векторе*, ки дарозиаш ба адади як баробар аст.

**ОРТИ́Т**, [англ. orthite]. *маъд.* Минерали радиоактивӣ аз гурӯҳи *эпидотҳо*, ки асосан аз *силикати* оҳан, торий, уран таркиб ёфтааст.

**ОРТОГЕНЕ́З**, [< юн. orthos рост + *...генез*]. *биол.* Назарияи инкишофи табиати зинда, ки мувофиқи он инкишофи (*эволютсияи*) организмҳои зинда гӯё бо сабаби мувофиқи мақсад будани он дар табиат пешакӣ муайян карда шудааст.

**ОРТОГНЕ́ЙС**, [< юн. orthos рост + *...гнейс*]. *маъд.* Ҷинси кӯҳие, ки дар натиҷаи тағйирёбии (*метаморфизми*) ҷинсҳои фавворазада, мас., *гранитҳо*, ба вуҷуд омадааст.

**ОРТОГОНАЛӢ**, [< юн. orthos рост + gonia кунҷ]. *геом.* Росткунҷа; ташкилкунандаи кунҷи рост.

**ОРТОДО́КС,** [< юн. orthodoxos муътақид]. Муътақиди ашаддӣ; шахсе, ки ақидаҳои ортодоксалӣ дорад (ниг. *ортодоксалӣ*).

**ОРТОДОКСАЛӢ**, [< юн. orthodoxos муътақид]. Равияи ортодоксалӣ – равияе, ки асоси онро пайравии бечунучаро ба ягон таълимот ё ақида, эътиқоди сахти кӯр-кӯрона ба таълимоте, ақидае ташкил медиҳад, ҳатто агар он хилофи мантиқ ва ақли солим бошад.

**ОРТОДО́КСИЯ,** [< юн. orthodoxos муътақид]. Ниг. *ортодоксалӣ.*

**ОРТОДО́НТИЯ**, [< юн. orthos рост + odus (odontos) зуб]. *тиб.* Фасли *стоматология*, ки нодуруст ҷой гирифтани дандонҳо, инчунин вайроншаклии устухонҳои ҷоғу рӯйро омӯхта, усулҳои пешгирӣ ва табобати онҳоро муайян мекунад.

**ОРТОДРО́МА**, [< юн. orthos рост + dromos роҳ]. Ниг. *ортодромия.*

**ОРТОДРО́МИЯ**, [< юн. orthos рост + dromos роҳ]. *геом.* Хати кӯтоҳтарини байни ду нуқтаи доира ё ягон сатҳи дигари даврзананда.

**ОРТОКЛА́З**, [< юн. orthos рост + klasis шикаст]. *маъд.* Минерале аз гурӯҳи шпатҳои даштӣ, ки асосан аз *алюмосиликати* калий иборат аст.

**ОРТОЛО́ГИЯ**, [< юн. orthos дуруст, рост + *...логия*]. *збш.* Фасли забоншиносӣ, ки меъёрҳои забон ва нуқсонҳои нутқро меомӯзад.

**ОРТОПЕ́ДИЯ**, [< юн. orthos дуруст, рост + paideia тарбия]. Соҳаи тиб, ки бемориҳои узвҳои ҳаракат ва такя (даст, пой, сутунмӯҳра ва ғ.), инчунин усулҳои пешгирӣ ва табобати ин бемориҳоро меомӯзад.

**ОРТОТРОПИ́ЗМ**, [< юн. orthos рост + *тропизм*]. *бот.* Сабзиши шоху баргҳои растанӣ мувозӣ (*паралел*) бо самти ангезаи берунӣ, мас., рӯшноӣ.

**ОРТОСЕ́НТР (ОРТОЦЕ́НТР)**, [< юн. orthos рост + сентр марказ]. *геом.* Ортомарказ; нуқтаи буриши се баландии секунҷа.

**ОРТОЭВОЛЮ́ТСИЯ (ОРТОЭВОЛЮ́ЦИЯ)**, [< юн. orthos рост + *эволютсия*]. Ниг. *ортогенез.*

**ОРФ**, [юн. Orphos]. Дар асотири юнониёни қадим – саги бадҳайбати дусара, ки аз Тифон ва Эхидна ба дунё омадааст; ба паҳлавон Герион хизмат мекард, аз тарафи Геракл кушта шуд.

**ОРФЕ́Й,** [юн. Orpheus]. **1**. Дар асотири юнониёни қадим – сарояндаи хушовоз, писари олиҳа Каллиоп ва худои дарёҳо Эагра; бо овози ширини худ гӯё дарахтону харсангҳоро ба ҳаракат оварда, ҷонварони ваҳширо ром мекардааст. **2**. *маҷ.* Ҳофизи хушхон, ширинсадо.

**ОРФОГРА́ММА**, [< юн. orthos дуруст + *...грамма*]. *збш.* Навишти калимаю ибораҳо мувофиқи қоидаҳои имло (*орфография*).

**ОРФОГРА́ФИЯ**, [< юн. orthos дуруст + *...графия*]. *збш*. **1**. Имло; қоидаҳои аз тарафи умум қабулшудаи навишти калимаю ибораҳо дар ин ё он забон. **2**. Фасли забоншиносӣ, ки қоидаҳои имло (тарзи дурусти навишт)-ро таҳқиқ ва танзим менамояд.

**ОРФОЭ́ПИЯ**, [< юн. orthos дуруст + epos нутқ]. *збш*. **1**. Қоидаҳои нутқи дурусти адабӣ. **2**. Фасли забоншиносӣ, ки қоидаҳои талаффузи дурусти адабиро таҳқиқ ва танзим менамояд.

**ОРХЕ́СТРА,** [юн. orchestra]. *таър*. Дар театрҳои Юнони Қадим – майдончаи мудавваре, ки дар он хор ва актёрҳо баромад мекарданд.

**ОРХИДЕ́Я**, [юн. orchidion]. *бот*. Саҳлаб (сӯҳлаб); растании ороишии тропикӣ, ки гулҳои гуногунранги зебо дорад (то 35 ҳазор намуд).

**ОРХИ́Т**, [< юн. orchis хоя]. *тиб*. Варами хоя, ки дар натиҷаи зарб хӯрдани он ё бемориҳои сироятӣ ва венерӣ (зӯҳравӣ) пайдо мешавад.

**ОСЁТР**, [рус.]. *зоол*. Тосмоҳӣ; як навъ моҳии калони тағоякдор.

**ОСИ́РИС, ОЗИ́РИС,** [юн. Osiris]. Дар дини мисриёни қадим – худои табиати миранда ва зиндашаванда, ҳомӣ ва қозии мурдагон; ба одамон киштукор ва чорвопарварӣ омӯхтааст.

**О́СМИЙ**, [< юн. osme бӯй]. Элементи химиявии гурӯҳи VIII системаи даврӣ (Os); металли платинагӣ.

**О́СМОС,** [< юн. osmos такон, фишор]. *физ., хим*. Раванди таровиш, гузаштани (*диффузияи*) моддаҳои моеъ аз пардаҳои организми ҳайвонот ва наботот.

**ОСМОФО́РҲО,** [< юн. osme бӯй]. *бот*. Ғадудҳои махсуси растаниҳо, ки аз худ бӯи хуш мебароранд.

**ОСМИНО́Г (ОСЬМИНО́Г),** [рус. < таҳрифшудаи восьминог (ҳаштпо)]. *зоол*. Ниг. *октапод*.

**ОССЕИ́Н**, [< лот. os (osis) устухон]. *биол*. Сафеда аз гурӯҳи *склеропротеинҳо*, ки ҷузъи асосии таркибии бофтаи устухон ба шумор меравад.

**ОСТ**, [ол. Ost]. **1**. Шарқ. **2**. Боди шарқӣ. || Мқс. вест, норд.

**ОСТЕНСИВӢ,** [< лот. ostensivus аёнӣ]. *фалс., збш*. Аёнӣ; чизе, ки онро намоиш (нишон) додан мумкин аст, мас., тафсири остенсивии калима – тафсири калима бо ёрии нақша, сурат ва ғ.

**ОСТЕО...,** [< юн. osmeon устухон]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки бо устухон ва бофтаҳои устухон робита доштанро ифода мекунад., мас., *остеомиелит*.

**ОСТЕОАРТРАЛГИ́Я,** [лот. osmeoarthralgia]. *тиб*. Дарди устухону буғумҳо.

**ОСТЕОАТРОФИ́Я**, [< *остео...* + *атрофия*]. *тиб*. Хурд шуда аз кор баромадани ("об шудан"-и) устухон; беҳисшавии устухон.

**ОСТЕОБЛА́СТҲО**, [< *остео...* + blastos неш, навда]. *физиол.* Ҳуҷайраҳое, ки дар ташаккул, инкишоф ва барқароршавии бофтаҳои устухон иштирок мекунанд. || Мқс. остеокластҳо.

**ОСТЕОДИСПЛАЗИ́Я**, [< *остео...* + *дисплазия*]. *тиб.* Нуқсони модарзодии ташаккул ва инкишофи устухонҳо.

**ОСТЕОДИСТРОФИ́Я**, [< *остео...* + *дистрофия*]. *тиб.* Вайроншавии мубодилаи моддаҳо дар бофтаи устухон. || Мқс. остеоатрофия.

**ОСТЕОКЛА́СТҲО**, [< *остео...* + klastos вайроншуда]. *физиол.* Ҷисмчаҳое, ки ҳангоми инкишоф ва таҷдиди бофтаҳои устухон пайдо шуда, моддаи асосии устухонро ҷаббида мегиранд.

**ОСТЕОЛО́ГИЯ**, [< *остео...* + *...логия*]. *тиб.* Устухоншиносӣ; фасли анатомия, ки таркиб, сохт, шакл, тағйирот ва инкишофи устухонҳоро меомӯзад.

**ОСТЕО́МА**, [< *остео...* + *...ома*]. *тиб.* Омоси безараре (некфарҷоме), ки аз бофтаи устухон иборат аст. || Мқс. ангиома, бластома.

**О́СТЕОМАЛЯ́ЦИЯ,** [< *остео...* + malakia нармӣ, сустӣ]. *тиб.* Нарм шудан ва шаклан тағйир ёфтани устухон дар натиҷаи вайроншавии мубодилаи моддаҳо, инчунин нарасидани витаминҳо, намакҳои калсий ва кислотаи фосфор дар организм.

**О́СТЕОМИЕЛИ́Т,** [< *остео...* + *миелит*]. *тиб.* Газаки мағзи устухон; одатан ба тамоми қабатҳои устухон паҳн мешавад.

**ОСТЕО́Н**, [< юн. osmeon устухон]. *анат.* Воҳиди сохтории моддаи зичи устухонҳои дарунхолии одам ва ҳайвон.

**О́СТЕОПОРО́З**, [< *остео...* + porpos сӯрохӣ, ковокӣ]. *тиб.* Тунукшавии қабатҳои исфанҷӣ ва қишрии устухон дар натиҷаи қисман ҷаббида шудани моддаҳои устухон (аксаран ҳангоми пиронсолӣ, шикастани устухон, *полиомиелит, остеомиелит* ва ғ.).

**О́СТЕОСИ́НТЕЗ**, [< *остео...* + *синтез*]. *тиб.* Навъи шикастабандӣ; ҷарроҳие, ки ҳангоми он шикастапораҳои устухонро бо лавозимоти махсус (мех, винт, лавҳачаҳои устухонӣ ва ғ.) мепайванданд.

**О́СТЕОТОМИ́Я**, [< *остео...* + tome буридан]. *тиб.* Бо роҳи ҷарроҳӣ буридани як қисми устухон. || Мқс. артротомия.

**ОСТЕОФИ́Т**, [< *остео...* + phyton шоха, навда, неш]. *тиб.* Калоншавии устухон дар натиҷаи латхӯрӣ, варам, вайроншавии мубодилаи моддаҳо ва ғ.

**О́СТЕОХОНДРО́З**, [< *остео...* + chondros тағояк]. *тиб.* Бадшавии фаъолияти ғизогирии (*дистрофияи*) бофтаҳои устухону тағоякҳо, асосан курсҳои (*дискҳои*) байни мӯҳраҳо, ки бо дарди сахт ҳангоми ҳаракат зоҳир мегардад.

**ОСТЕОСИ́ТҲО (ОСТЕОЦИ́ТҲО),** [< *остео...* + kytos ҳуҷайра]. *физиол.* Ҳуҷайраҳои бофтаи устухони одам ва ҳайвон, ки аз *остеобластҳо* ташаккул меёбанд. || Мқс. остеокластҳо.

**ОСТЕРИ́Я**, [ит. osteria]. Ошхона, майхона, тарабхонача дар Италия. || Мқс. трактир.

**ОСТИНА́ТО**, [ит. ostinato]. *мус.* Такрор ба такрор хондани як байти суруд ё навохтани як пораи оҳанг.

**ОСТИ́Т**, [< юн. osmeon устухон]. *тиб.* Варами бофтаи устухон.

**О́СТМАРК**, [ол. Ostmarke]. Номи Австрия баъди зӯран ҳамроҳ карда шудани он ба Олмон (с. 1938); то Австрияро озод кардани ҷанговарони шӯравӣ (с. 1945) истифода мешуд; ниг. инчунин *аншлюс*.

**ОСТРАКИ́ЗМ**, [юн. ostrakismos < ostrakon сафолпора]. **1**. *таър.* Дар Юнони Қадим (асрҳои VI – V то мелод) – аз мамлакат рондани шаҳрвандони барои давлат хатарнок; чунин қарор баъди овоздиҳии махфӣ бо ёрии сафолпораҳое, ки дар онҳо номи рондашавандагон навишта шуда буд, қабул карда мешуд. **2**. *маҷ.* Таъқиб, рондан, бадарға кардан.

**ОСТСИЛЛОГРА́ММА (ОСЦИЛЛОГРА́ММА)**, [< лот. oscillum тағйирёбӣ, лаппиш + *...грамма*]. *тех.* Дар экрани *остсиллограф* нишон додани вобастагии байни бузургиҳои зуд тағйирёбандаи физикӣ.

**ОСТСИЛЛО́ГРАФ (ОСЦИЛЛО́ГРАФ)**, [< лот. oscillum тағйирёбӣ, лаппиш + *...граф*]. *тех.* Асбоб барои сабт ё мушоҳида кардани вобастагии байни бузургиҳои зуд тағйирёбандаи физикӣ.

**ОСТСИЛЛЯ́Т (ОСЦИЛЛЯ́ТОР)**, [< лот. oscillum тағйирёбӣ, лаппиш]. *тех.* Асбоб барои ангезиш додани лаппишҳои озод (худӣ).

**ОСТСИЛЛЯ́ТСИЯ (ОСЦИЛЛЯ́ЦИЯ)**, [лот. oscillatio]. Лаппиш; алвонҷ хӯрдан.

**ОТВЁРТКА,** [< рус. отвертеть тоб дода баровардан]. Мурваттоб; очор.

**ОТДЕЛЕ́НИЕ,** [< рус. отделить ҷудо кардан]. **1**. Шуъба, мас., дар беморхона. **2**. *ҳарб.* Дастаи ҳарбии иборат аз 6 - 12 нафар; ба ҳайати *взводи* пиёдагард, *разведка*, минаҷӯӣ, алоқа ва ғ. дохил мешавад; ба О. одатан *сержант* фармондеҳӣ мекунад.

**ОТЕ́Л (ОТЕ́ЛЬ),** [фр. hotel]. Меҳмонхона, меҳмонсаро(й), меҳмонкада, ҳотел.

**ОТЕНИ́Т**, [< фр. Autun – номи вилоят дар Фаронса]. *маъд.* Минерали радиоактивӣ, фосфати обдори уран ва калсий, ки маъдани пурқимати уран ба шумор меравад.

**ОТИАТРИ́Я**, [< юн. us (otos) гӯш + iatreia муолиҷа]. *тиб.* Фасли *оториноларингология*, ки бемориҳои гӯш ва роҳҳои табобату пешгирии онҳоро меомӯзад. || Мқс. ларингология, ринология.

**ОТИ́Т**, [< юн. us (otos) гӯш]. *тиб.* Варами гӯш.

**ОТО...,** [< юн. us (otos) гӯш]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки бо гӯш ва бемориҳои гӯш робита доштанро ифода мекунад, мас., отосклероз, отология.

**О́ТОЛАРИНГОЛО́ГИЯ,** [< юн. us (otos) гӯш + larynx (laringos) гулӯ + ...*логия*]. *тиб*. Ниг. *оториноларингология*.

**ОТОЛИ́ТҲО**, [< *ото...* + ...*лит*]. *зоол*. Ниг. *статолитҳо* (маънои 1).

**ОТОЛО́ГИЯ**, [< *ото...* + ...*логия*]. *куҳна*. Илм дар бораи сохти гӯш ва бемориҳои он.

**О́ТОРИНОЛАРИНГОЛО́ГИЯ,** [< юн. us (otos) гӯш + rhis (rhinos) бинӣ + larynx (laringos) гулӯ + ...*логия*]. *тиб*. Фасли тиб, ки сохт, вазифа ва бемориҳои гӯш, бинӣ ва гулӯро омӯхта, усулҳои ташхис, табобат ва пешгирии ин бемориҳоро муайян мекунад.

**ОТОСКЛЕРО́З**, [< *ото...* + *склероз*]. *тиб*. Тасаллуби (*склерози*) гӯш; бемории музмини бегазаки гӯш, ки боиси карӣ ва шуввосании гӯшҳо мегардад.

**ОТОСКО́П**, [< *ото...* + ...*скоп*]. *тиб*. **1**. Асбоби резинӣ ё силиконии қифмонанд барои муоинаи гӯш. **2**. Оиначаи пешонигӣ, ки духтур бо ёрии он даруни гӯшро ҳангоми муоина равшан мекунад.

**ОТОСКОПИ́Я**, [< *ото...* + ...*скопия*]. *тиб*. Муоинаи даруни гӯш бо ёрии *отоскоп* (маъноҳои 1 ва 2).

**ОТОФО́Н**, [< *ото...* + ...*фон*]. *тиб*. Асбоб барои беҳтар кардани қобилияти шунавоии одамони кар ё гӯшвазнин.

**О́ТПУСК**, [< рус. отпускать ҷавоб додан]. Рухсатӣ; мураххасӣ; бо мақсади дамгирӣ муолиҷа ва ғ. аз кор, хизмати ҳарбӣ ба муддати муайян соле як маротиба ҷавоб додан; О.-ҳо меҳнатӣ, декретӣ, бемузд ва ғ. мешаванд.

**ОТРЯ́Д,** [рус.]. Даста, гурӯҳ.

**ОТТЕРТРА́Л**, [англ. otter traw]. Тӯри моҳигирӣ, ки онро киштӣ бо таноби дарози пӯлодин кашола мекунад.

**ОТТОМА́НКА**, [фр. ottomane]. Дивани васеи бепуштак, ки дар ду паҳлӯяш лӯлаболишт дорад.

**ОУЭНИ́ЗМ**, [англ. owenism]. Таълимоти сотсиалисти хаёлии (сотсиалист-утописти) англис Роберт Оуэн (Owen, 1771 – 1858) ва пайравони ӯ.

**ОФЕРЕ́НТ**, [< *оферта*]. Шахсе, ки бо *оферта* машғул аст; ташаббускори *оферта*.

**ОФЕ́РТА,** [< лот. offertus пешниҳод]. *тиҷ*. Пешниҳоди расмӣ ба шахс ё тарафи муайян дар бораи харидуфурӯш, додугирифт ё муомилаҳои диг. бо нишон додани ҳамаи шартҳои барои ин зарурӣ.

**О́ФИС**, [< лот. officium хизмат]. Идора; идорахона; идораи маъмурӣ ва коргузорӣ; дафтар; дафтархона.

**О́ФИС-МЕ́НЕҶЕР,** [англ. office-manager]. Мудири *кадрҳо*; маъмури кадрҳо; корманди ширкат ё ташкилот, ки ба интихоб, ба кор қабул кардан ва ҷобаҷогузории кормандон (кадрҳо), инчунин ба интизоми меҳнатиро риоя кардани онҳо масъул мебошад.

**ОФИТСЕ́Р (ОФИЦЕ́Р),** [< лот. officiarius амалдор, мансабдор]. **1**. Афсар; шахсе, ки ба ҳайати фармондеҳӣ ва сардории қувваҳои мусаллаҳ, милитсия, политсия ва мақомоти амният дохил мешавад. **2**. Корманди ташкилот, ширкат дар баъзе мамлакатҳои англисизабон, мас., дар ИМА.

**ОФИТСИА́Л (ОФИЦИА́Л)**, [лот. officialis]. *таър*. **1**. Дар Рими Қадим – мансабдори назди магистрат; ниг. *магистрат* (маънои 2). **2**. Дар асрҳои миёна – мансабдори назди *епископ* барои пеш бурдани корҳои дунявӣ.

**ОФИТСИА́НТ, ОФИТСИА́НТКА (ОФИЦИА́НТ, ОФИЦИА́НТКА)**, [< лот. officians хидматчӣ, хидматгузор]. Пешхизмат (дар ошхона, қаҳвахона, тарабхона ва м. инҳо).

**ОФИТСИО́З (ОФИЦИО́З)**, [< лот. officiosus ба хизмат ҳозир]. **1**. ВАО-и нимрасмӣ, мас., рӯзномае, ки нуқтаи назари ҳукуматро ифода мекунад, гарчанд расман рӯзномаи давлатӣ нест. **2**. Гурӯҳи одамони ба ҳокимият наздик. **3**. *маҷ*. Фикру андешаи рӯякӣ, ғайрихолисона, бидуни самимият дар бораи ҳодисае ё масъалае бо мақсади хуш омадан ба ҳокимият.

**ОФЛА́ЙН**, [англ. offline]. Бидуни интернет, берун аз интернет; бе пайвастшавӣ ба шабакаи компютерӣ. || Мқс. онлайн.

**ОФСА́ЙД,** [англ. offside < off берун + side хат]. Дар баъзе бозиҳои варзишӣ (мас., дар футбол, хоккей) – ҳолати нобозӣ, яъне вақте ки бозигар дар назди дарвозаи ҳариф ҳангоми гирифтани тӯб ё шайба дар мавқее қарор дошта бошад, ки пеш аз ӯ бозигар ё бозигарони дастаи ҳариф набошанд.

**ОФСЕ́Т**, [англ. offset]. Усули чоп дар матбаа, ки ҳангоми он ранг аз қолаби чоп ба *силиндри* резинӣ ва аз он ба рӯи коғаз мегузарад.

**ОФТАЛМИЯ (ОФТАЛЬМИ́Я)** [< юн. ophthalmos чашм]. *тиб*. Варами пардаи чашм.

**ОФТАЛМО... (ОФТАЛЬМО…)**, [< юн. ophthalmos чашм]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки бо чашм робита доштанро ифода мекунад, мас., *офталмология*.

**ОФТАЛМО́ЛОГ (ОФТАЛЬМО́ЛОГ)** [< *офталмо...* + *...лог*]. Духтури чашм; мутахассиси соҳаи *офталмология*; *окулист* низ гӯянд.

**ОФТАЛМОЛО́ГИЯ (ОФТАЛЬМОЛО́ГИЯ)**, [< *офталмо...* + *...логия*]. Фасли тиб, ки сохт, вазифа ва бемориҳои чашмро омӯхта, усулҳои ташхис, табобат ва пешгирии ин бемориҳоро муайян мекунад.

**ОФТАЛМОСКО́П (ОФТАЛЬМОСКО́П)**, [< *офталмо...* + *...скоп*]. *тиб*. Асбоб барои муоинаи даруни (қаъри) чашм.

**ОФТАЛМОСКОПИ́Я (ОФТАЛЬМОСКОПИ́Я)**, [< *офталмо...* + *...скопия*]. *тиб.* Муоинаи даруни (қаъри) чашм бо ёрии *офталмоскоп*.

**ОФФ-РО́УД**, [англ. off-road]. *варз.* Пойгаи автомобилҳо дар роҳҳои ноҳамвор.

**ОФШО́Р, ОФФШО́Р, ОФФ-ШО́Р¹**, [англ. off-shore дур аз соҳил]. Минтақае, ки ба соҳибкорони хориҷӣ ҳангоми амалиёти молиявӣ ё бонкӣ гузарондани онҳо имтиёзҳо медиҳад (асосан дар масъалаи андозбандӣ).

**ОФШО́Р²**, [англ. off-shore дур аз соҳил]. Боде, ки аз соҳил ба сӯи баҳр мевазад.

**ОФШОРӢ**, [англ. off-shore дур аз соҳил]. Дар минтақаи *офшор*¹ воқеъшуда; мансуб ба *офшор*¹.

**О́ХРА**, [< юн. ochros зардтоб]. Ранги минералии зарди сурхтоб.

# П

**ПА,** [< фр. pas қадам]. Дар рақс – ҳаракати мавзуни пойҳо.

**ПАБ,** [англ. pub – кӯтоҳшудаи public house хонаи ҷамъиятӣ]. Майхона, пивохона, *трактир* дар Британияи Кабир ва баъзе мамлакатҳои диг.

**ПА́БЛИК-АРТ,** [англ. public art]. Санъати оммавӣ; намоиши асарҳои санъат (рақс, намоиши театрӣ, сурудхонӣ, шеърхонӣ, намоиши суратҳо ва ғ.) дар ҷойҳои ҷамъиятии шаҳр, дар зери осмони кушод.

**ПА́БЛИК-РИЛЕ́ЙШНЗ,** [англ. public relations]. Ташаккул додани фикри мусбати ҷомеа дар бораи ширкат, мол, маҳсулот, хизматрасонӣ ба тавассути реклама ва ВАО. || Мқс. пиар.

**ПАБЛИ́СИТИ,** [англ. publicity]. **1**. Маъруфият, шуҳрат, шуҳратмандӣ. **2**. Ташҳир; машҳур кардани касе, чизе; ниг. инчунин *реклама*.

**ПА́ВА**, [лот. pavo]. Товуси мода.

**ПАВИА́Н**, [ол. Pavian]. Зоти маймуни биниборик, фӯкаш ба фӯки саг монанд аст; дарозии баданаш то 1 м (7 намуд); дар *саваннаҳои* Африқо зиндагӣ мекунад.

**ПАВИЛЙО́Н (ПАВИЛЬО́Н)**, [ол. Pavillon]. **1**. Чавкандӣ, шипанг; иморати сабук дар боғи истироҳат. **2**. Дӯкон, сароча (мас., дӯкони гулфурӯшӣ). **3**. Иморати муваққатӣ ё доимӣ дар ҳудуди намоишгоҳ барои намоиш додани ҳар гуна молу маснуот. **4**. Иморати махсус ҷиҳозонидашуда барои суратгирӣ, киногирӣ, сабти овоз ва м. инҳо.

**ПАГИНА́ТСИЯ (ПАГИНА́ЦИЯ)**, [< лот. pagina саҳифа]. Рақамҳои мураттаби саҳифаҳои китоб, маҷалла, дастнавис.

**ПА́ГОДА**, [порт. pagoda < санск. "бҳагават" муқаддас]. Ибодатгоҳи манорашакли буддоиён дар Хитой, Япония ва баъзе мамлакатҳои дигари Осиёи Ҷанубӣ-Шарқӣ. || Мқс. костёл, синагога.

**ПА́ГОН**, [< юн. pagos ях + on мавҷудот]. *биол*. Маҷмуи ҳайвоноту набототи яхистон.

**ПАДЕГРА́С**, [< фр. pas қадам + grase мавзун]. Рақси мавзуни базмии (балии) русӣ, ки оромона, бо қадаммонии нарм иҷро карда мешавад.

**ПА-ДЕ-ДЕ́**, [< фр. pas de deur қадаммонии ду нафар]. Дар балети классикӣ – рақси дунафара, инчунин яке аз шаклҳои асосии мусиқии балет.

**ПА-ДЕ-КА́ТР**, [< фр. pas de quatre қадаммонии чор нафар]. Рақси чорнафара дар балет.

**ПА-ДЕ-ТРУА́**, [< фр. pas de trois қадаммонии се нафар]. Рақси сенафара дар балет.

**ПА́ДРЕ**, [< ит., исп. padre падар]. Калимаи муроҷиат ба рӯҳонии католикӣ.

**ПАЁ́К**, [< *пай*]. Миқдори муайяни хӯрокворӣ, ки ҳар сари чанд вақт ба касе дода мешавад, мас., ба хизматчиёни ҳарбӣ.

**ПАЖ**, [< фр. page]. *таър*. **1**. Маҳрамбача; дар Аврупои асрҳои миёна – писарбача ё ҷавони ашрофзода, ки маҳрам ё хизматгори шахсии феодал ё мансабдори калон буд; зинаи аввали расидан ба унвони ритсарӣ. **2**. Мансаби хурди дарборӣ дар Россияи подшоҳӣ. **3**. Дар Россияи подшоҳӣ – талабаи Корпуси пажӣ (одатан аз ашрофзодаҳо). **4**. Доманқапак; банди резинии чангакдор, ки занҳо бо ёрии он домани дарози юбкаашонро барои ба замин нарасидани он боло мебардоштанд; охири асри 19 дар Аврупо ва Россия маъмул шуда буд.

**ПАЗИГРА́ФИЯ,** [< юн. pas ҳама, умум + ...*графия*]. Хате, ки аломатҳои он ба мардуми гуногунзабон фаҳмост, мас., хати *нота*.

**ПАЗЛ**, [< англ. pazzle муаммо]. Конструктори кӯдакона (ниг. *конструктор* (маънои 2)), ки аз қисмҳои алоҳидаи ранга иборат аст ва онҳоро тавре ҷо ба ҷо гузоштан лозим аст, ки сурати муайяне ҳосил шавад.

**ПАЙ,** [турк.]. Саҳм; ҳисса; маблағе, ки аъзои ширкат, мас., ҷамъияти саҳҳомӣ, барои кори умумӣ ҷудо мекунанд.

**ПАЙС, ПАЙСА́,** [< *санск*.]. Тангаи Ҳиндустон, Покистон ва баъзе мамлакатҳои дигари ҳамин минтақа.

**ПАК**, [англ. pack]. Пиряхи шиновар; яхи бисёрсолаи баҳрии ғафсиаш зиёда аз 3 м.

**ПАКГА́УЗ,** [ол. Packhaus]. Анбори мол дар истгоҳҳои роҳи оҳан, бандарҳо, боҷхонаҳо ва ғ.

**ПАКЕ́Т**, [фр. paquet]. **1**. Халтаи коғазӣ ё *полиэтиленӣ* барои андохтани ягон чиз. **2**. Лифофаи дорои мактуби расмӣ. **3**. Маҷмуи ягон чиз, мас., П.-и пешниҳодҳо, қонунҳо, ҳуҷҷатҳо, барномаҳо, лоиҳаҳо ва ғ.

**ПАКЕТБО́Т**, [англ. packet-boat < packet пакет + boat киштӣ]. Киштии начандон калони почтаю мусофиркаш.

**ПАКТ**, [< лот. pactum шартнома]. Шартномаи байналхалқӣ (байналмилалӣ). || Мқс. конвенсия.

**ПАЛ,** [ҳол. paal]. Яккамехи киштибандӣ.

**ПАЛАДИ́Н,** [фр. paladin]. **1**. *таър*. Дар Аврупои асрҳои миёна – баҳодур (ниг. *ритсар*); паҳлавони олиҳиммат ва ба подшоҳ содиқ аз оилаи ашроф. **2**. *маҷ*. Одами вафодор, содиқ.

**ПАЛАНКИ́Н**, [< *санск*.]. Дар баъзе мамлакатҳои Шарқ – тахти равон; занбари соябондор, ки сарватмандон, мансабдоронро ба он шинонда, аз ҷое ба ҷое мебурданд.

**ПАЛАНТИ́Н**, [фр. palantine]. Китфпӯшаки занона аз мӯина ё махмал. || Мқс. боа, горжетка.

**ПАЛАТА**[1], [< лот. palatium қаср]. **1**. *меъм*. Кӯшк ё толори калони боҳашамат ва сернақшу нигор. **2**. Ҳуҷра дар беморхона барои хобондани беморон.

**ПАЛАТА**[2], [< лот. palatium қаср]. **1**. Қисми таркибии *парламент* ё диг. мақоми қонунбарор, мас., Маҷлиси намояндагон – палатаи поёнии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. **2**. Номи баъзе муассисаҳои давлатӣ ё ташкилотҳои ҷамъиятӣ, мас., Палатаи савдо ва саноат, Палати китоб ва ғ.

**ПАЛАТАЛИЗА́ТСИЯ (ПАЛАТАЛИЗА́ЦИЯ),** [< лот. palatum ком]. *збш*. Талаффузи нарми (комии) ҳамсадоҳо. || Мқс. глотттализатсия.

**ПАЛАТИ́Н**, [< лот. Palatinus]. *таър*. Яке аз ҳафт теппае, ки дар он Рими Қадим воқеъ шуда буд.

**ПАЛА́ТКА**, [рус.]. **1**. Хайма, хиргоҳе, ки аз матои обногузар дӯхта шудааст. **2**. Дӯконча.

**ПАЛА́ТСО (ПАЛА́ЦЦО)**, [< ит. palazzo]. Қаср, кӯшк, саройи боҳашамат дар Италияи асрҳои 15 – 18.

**ПАЛАФИ́ТҲО**, [< ит. palafitta]. Хонаҳои сутунпоягӣ; хонаҳои одамони давраи *неолит* ва асри биринҷӣ, ки таҳкурсиашон аз сутунҳо (пояҳо) иборат буда, дар болои об ё соҳилҳои ботлохӣ сохта мешуд; ҳоло низ дар баъзе қабилаҳои Амрикои Ҷанубӣ, Африқо, Уқёнусия дучор мешавад.

**ПАЛА́Ш**, [венг. pallos]. Шоф; як навъ ханҷари дарози нӯгтези сарбозони саворaи Россия дар асрҳои 18 – 19.

**ПАЛЕА́РКТИКА**, [< *палео...* + *Арктика*]. Яке аз ду минтақаи зоогеографии хушкӣ.

**ПАЛЕО**..., [< юн. palaios қадим]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои "қадим", мас., *палеоботаника*.

**ПАЛЕОА́НТРОП**, [< *палео...* + юн. anthropos одам]. *пал.* Одами давраи охири *палеолит*, зернамуди одами бохирад; одами *неандерталӣ* низ гӯянд.

**ПАЛЕОАНТРОПОЛО́ГИЯ**, [< *палео...* + *антропология*]. Як соҳаи *антропология*, ки устухонҳои одамони қадими аз зери замин ёфтшударо меомӯзад.

**ПАЛЕОБИОГЕОГРА́ФИЯ**, [< *палео...* + *биогеография*]. Илме, ки паҳншавии организмҳои мунқариз (мурдарафта)-ро меомӯзад.

**ПАЛЕОБОТА́НИКА**, [< *палео...* + *ботаника*]. Соҳаи *палеонтология*, ки растаниҳои мунқаризро меомӯзад.

**ПАЛЕОВУЛКАНОЛО́ГИЯ**, [< *палео...* + *вулканология*]. Соҳаи геология, ки вулқонҳои давраҳои гузаштаи геологиро меомӯзад.

**ПАЛЕОГЕ́Н**, [< *палео...* + юн. genos пайдоиш]. *геол.* Давраи якуми *кайнозой*, ки 35 – 40 млн сол давом кардааст; дар ин давра баъзе намудҳои ширхӯрон, ҳашарот, хояндаҳо, маймунҳо ва ғ. пайдо шудаанд. || Мқс. антропоген.

**ПАЛЕОГЕОГРА́ФИЯ**, [< *палео...* + *география*]. Илм доир ба шароитҳои табиии Замин дар давраҳои гузаштаи геологӣ.

**ПАЛЕО́ГРАФ**, [< *палео...* + *...граф*]. Дастхатшинос; мутахассиси матнҳои қадим.

**ПАЛЕОГРА́ФИЯ**, [< *палео...* + *...графия*]. Дастхатшиносӣ; як шохаи илми *филология*, ки осори хаттии давраҳои қадимро меомӯзад.

**ПАЛЕОЗО́Й**, [< *палео...* + юн. zoe ҳаёт]. *геол.* Давра (эра)-и палеозой – давра (*эра*)-и таърихи геологии Замин баъди *докембрий* ва пеш аз *мезозой*; такр. 570 млн сол пеш оғоз ёфта, 340 млн сол давом кардааст. || Мқс. кайнозой, мезозой.

**ПАЛЕОЗООЛО́ГИЯ**, [< *палео...* + *зоология*]. Соҳаи илми *палеонтология*, ки ҳайвоноти мунқаризро меомӯзад.

**ПАЛЕОЛИ́Т**, [< *палео...* + *...лит*]. Давраи палеолит – давраи якуми асри санг, ки такр. 2 млн сол пеш оғоз ёфта, ҳазорсолаи 10 – 12 то мелод ба охир расидааст; дар ин давра қадимтарин одамони маймуншакл (*питекантропҳо, синантропҳо, неандерталиҳо* ва ғ.) пайдо шудаанд. || Мқс. мезолит, неолит.

**ПАЛЕОМАГНИТИ́ЗМ**, [< *палео...* + *магнитизм*]. Қобилияти магнитнокшавии ҷинсҳои кӯҳӣ бо таъсири майдони магнитии Замин.

**ПАЛЕОНТОЛО́ГИЯ**, [< *палео...* + юн. on (ontos) мавҷуд + *...логия*]. Илм дар бораи ҳайвоноту набототи мунқариз; ба *палеоботаника* ва *палеозоология* ҷудо мешавад.

**ПАЛЕОПАТОЛО́ГИЯ**, [< *палео...* + *патология*]. Илм дар бораи бемориҳои ҳайвоноту растаниҳои қадим.

**ПАЛЕОТЕ́РИЙ**, [< *палео...* + юн. therion ҳайвон]. *пал.* Аспи қадимтарин, ки дар давраи *эотсен* зиндагӣ кардааст. || Мқс. анхитерий, гиппарион.

**ПАЛЕОФАУНИ́СТИКА**, [< *палео...* + *фауна*]. Фасли *палеонтология*, ки олами ҳайвоноти давраҳои гуногуни геологиро меомӯзад.

**ПАЛЕОЦЕ́Н**, [< *палео...* + юн. kainos нав]. Замони (қисми) аввали давраи *палеоген*.

**ПАЛЕОЭКОЛО́ГИЯ**, [< *палео...* + *экология*]. Яке аз фаслҳои илми *палеонтология* – илм дар бораи тарзи ҳаёт, шароити зиндагӣ, сабабҳои нест шудан ё нест нашудани ҳайвоноту набототи давраҳои гузаштаи геологӣ.

**ПАЛЕ́СТРА**, [< юн. palaistra]. *таър*. Мактаби варзиш (*гимнастика*) барои писарбачагон дар Юнони Қадим. || Мқс. гимнасий.

**ПАЛЕ́ТКА**, [фр. palette]. Коғаз ё *пластинкаи* шаффофи ба квадратҳо тақсим кардашуда барои чен кардани масоҳати чизе дар нақша ё харита, инчунин барои ҳисоб кардани *координатаҳо*.

**ПАЛЕ́ТТА**, [фр. palette]. Белчаи дастадароз, ки бо ёрии он дар *казино* қартаҳо ё мӯҳраҳоро омехта мекунанд.

**ПА́ЛИ**, [< санскр.]. Яке аз забонҳои қадимии ҳиндуён, ки ба оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ дохил мешавад; дар Шри-Ланка ва Ҳиндустони Ҷанубӣ забони муқаддаси буддоиён аст.

**ПАЛИМПСЕ́СТ**, [< юн. palimpseston biblion китоби хаташ тарошидашуда]. Дастхати қадимие, ки ба рӯи *пергамент* дубора аз болои матни аввалаи тарошида ё шусташуда навишта шудааст.

**ПАЛИНГЕНЕ́З**, [< юн. palin боз, ба ақиб + *...генез*]. *биол*. Аломатҳои аҷдоди хеле қадим, ки дар авлоди онҳо танҳо дар давраи инкишофи ҷаниниашон зоҳир мегарданду дар давраи балоғати минбаъдаашон нест мешаванд, мас., ғалсама дар ҷанини инсон.

**ПАЛИНДРО́М**, [< юн. palin ба ақиб + dromos роҳ]. *збш., адш*. Як навъ бозии лафзӣ – калима, ибора ё ҷумлае, ки аз чап ба рост ва аз рост ба чап як хел хонда мешавад, мас., "акка", "ковок", ё агар ҷумлаи зерин ба ҳуруфоти арабӣ навишта шавад, аз ҳарду тараф як хел хонда мешавад: "шакар ба тарозуи вазорат баркаш".

**ПАЛИНО́ДИЯ**, [юн. palinodia]. *адш*. Тавбанома; шеъре, ки мазмунаш аз тавбаю тазарруъ, надомату пушаймонӣ иборат аст.

**ПАЛИНОЛО́ГИЯ**, [< юн. paline гард + *...логия*]. *бот., пал*. Фасли *ботаника* ва *палеоботаника*, ки *спора* ва гарди растаниҳои муосир ва мунқаризро меомӯзад.

**ПАЛИСА́Д**, [фр. palissade < юн. palis яккамех]. **1**. Қатори сутун ё пояҳое, ки барои мустаҳкам кардани нишебиҳо, соҳилҳо ё хоктеппаҳо ба замин кӯфта шудаанд. **2**. Боғчаи пеши хона, ки бо чиғдевор иҳота шудааст, инчунин худи ҳамин чиғдевор.

**ПАЛИСА́ДНИК**, [< *палисад*]. Ниг. *палисад* (маънои 2).

**ПАЛИСА́НДР**, [фр. palissandre]. Чӯби пурқимати баъзе дарахтоне, ки дар Бразилия ва Аргентина мерӯянд; барои сохтани мебел ва асбобҳои мусиқӣ истифода мешавад.

**ПАЛИ́ТРА**, [фр. palette]. **1**. Лавҳачаи чоркунҷа ё байзашакли на чандон калон, ки дар он рассом рангҳоро омехта мекунад. **2**. *маҷ*. Интихоби мувофиқу муносиби рангҳо дар сурат. || Мқс. гамма, колорит. **3**. *маҷ*. Маҷмуи воситаҳои бадеӣ ва тасвирӣ дар эҷодиёти нависанда ё оҳангсоз.

**ПАЛЛА́ДА**, [юн. Pallas (Pallados)]. **1**. Яке аз номҳои олиҳаи Юнони Қадим *Афина*. **2**. *астр*. Яке аз сайёраҳои калонтарин дар байни чор сайёраи хурди системаи офтобӣ (қутраш 583 км). || Мқс. Юнона.

**ПАЛЛАДИЙ**, [лот. Palladium]. **1**. Муҷассамаи чӯбини олиҳа Афина, ки, мувофиқи ривояти юнониёни қадим, гӯё шаҳрро аз балоҳо нигоҳ медоштааст. **2**. Элементи химиявӣ, металли платинагии гурӯҳи VIII системаи даврӣ (Pd); дар соҳаҳои химия, техника, заргарӣ, дандонсозӣ ва ғ. истифода мешавад.

**ПАЛЛИАТИ́В,** [< лот. pallio мепӯшонам, муҳофизат мекунам]. **1**. Дору ё муолиҷае, ки бемориӣ ё дардро муваққатан сабук мекунад, аммо шифо намебахшад. **2**. *маҷ*. Чораи нимкора, муваққатӣ.

**ПАЛЛИАТИВӢ**, [< *паллиатив*]. **1**. Ё р и и   п а л л и а т и в ӣ – парастории бемори шифонопазир бо мақсади сабуктар намудани дарду азоби ӯ. **2**. М у а с с и с а и   ё р и и   п а л л и а т и в ӣ – муассисаи тиббӣ (мас., беморхона, *госпитал, хоспис*), ки дар он ба беморони шифонопазир ва дарду азобашон вазнин ёрии паллиативӣ расонда мешавад.

**ПАЛМ,** [англ. palm кафи даст]. Воҳиди дарозӣ дар Англия, ки ба 7,62 см баробар аст.

**ПА́ЛМА (ПА́ЛЬМА)**, [лот. palma]. **1**. Дарахти нахл. **2**. Воҳиди дарозӣ дар Ҳолландия, ки ба 9,4 см баробар аст.

**ПАЛМЕ́ТТА (ПАЛЬМЕ́ТТА)**, [фр. palmette]. *меъм*. Нақшу нигори нахлӣ (ба шакли барги нахл).

**ПАЛМИ́РА (ПАЛЬМИ́РА)**[1], [< лот. palma]. Нахли осиёӣ; нахли баргҳояш бодбезакшакл, ки меваю баргмуғчаҳояшро дар таом, шираашро дар шаробпазӣ, чӯбашро дар сохтмон ва баргҳояшро дар саноати коғаз истифода мебаранд.

**ПАЛМИ́РА (ПАЛЬМИ́РА)**[2], [< лот. palma]. Шаҳри қадимае дар Сурияи марказӣ, дар назди Тадмори имрӯза; аз бозёфтҳои археологӣ маълум мегардад, ки ин шаҳр дар вақташ иншоотҳои меъмории зебо доштааст; П а л м и р а и   Ш и м о л ӣ – шаҳри Санкт-Петербург, ки бо сабаби нафису зебо будани ёдгориҳои меъмориаш онро ба П. монанд мекунанд.

**ПАЛМИ́РА (ПАЛЬМИ́РА)**[3], [< лот. palma]. Навъе аз ҳарфҳои матбаагӣ, ки барои чидани матнҳои хурди чопӣ истифода мебаранд.

**ПАЛМИТА́Т (ПАЛЬМИТА́Т)**, [< лот. palma]. *хим*. Намак ва эфирҳои кислотаи палмитинӣ; намакҳо дар истеҳсоли собун ва эфирҳо дар истеҳсоли хокаҳои ҷомашӯӣ ва маводи косметикӣ истифода мешаванд.

**ПАЛПА́ТСИЯ (ПАЛЬПА́ЦИЯ)**, [< лот. palpatio молидан]. *тиб*. Бо даст ламс кардани бадани бемор бо мақсади муоина (мас., барои муайян кардани ҳарорат, задани набз, варам, ғӯрриҳои зери пӯст ва ғ.).

**ПАЛТО́ (ПАЛЬТО́)**, [рус. < фр. paletot]. Либоси домандарози одатан пашмин, ки дар вақти сармо мепӯшанд.

**ПА́ЛТУС,** [заб. саамӣ]. Моҳии баҳрҳои шимолӣ аз зоти *камбалаҳо*.

**ПАМПА́СҲО**, [исп. pampas]. Даштҳои субтропикӣ дар Амрикои Ҷанубӣ. || Мқс. саванна.

**ПА́МПЕРС**, [англ. pumpers]. Намгирак; намчинак.

**ПАМФЛЕ́Т**, [англ. pamphlet]. Мақолаи тезу тунди публисистӣ, ки хусусияти ҳаҷвӣ (сатиравӣ) дошта, дар он ягон шахс, вазъият ё нуқсони ҳаёти ҷомеа фош ва танқид карда мешавад.

**ПАН[1]**, [пол. pan]. **1**. *таър*. Заминдор, помешик дар Полша, Литва, Украинаи замонҳои пеш. **2**. Ҷаноб; мурочиати боэҳтиромона ба марди калонсол дар Полша ва баъзе мамлакатҳои диг. Аврупои шарқӣ. || Мқс. мистер.

**ПАН[2]**, [лот. Pan]. **1**. Дар асотири юнониёни қадим – худои ҷангал, ҳомии рамаю чӯпонон; бо қиёфаи баднамои худ одамонро ба даҳшат меовард. **2**. *астр*. Радифи *Сатурн*.

**ПАН...**, [< лот. pan ҳама]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки «ҳамаро фаро гирифтан», «ба ҳама мансуб будан»-ро ифода мекунад, мас., *пандемия, панзоотия*.

**ПАНАГИ́Я,** [юн. panagia]. Иконачаи нигинкоре, ки рӯҳониёни олимансаби насронӣ аз рӯи либос ба гардан овехта мегарданд.

**ПАНАМА[1]**, [фр. Panama – номи давлат дар Амрикои Марказӣ]. Як навъ кулоҳ (*шляпа*)-и тобистонаи лапарвасеъ; кулоҳи анъанавии сокинони Панама аст ва номаш аз ҳамин ҷост.

**ПАНАМА[2]**, [аз номи канали Панама]. Қаллобии гӯшношунид бо харидани шахсони мансабдор; ин истилоҳ с. 1889, баъди фош шудани қаллобиҳои як ширкати фаронсавӣ, ки барои кофтани канали Панама таъсис ёфта буд, пайдо шуд.

**ПАНАМЕРИКАНИ́ЗМ,** [< *пан... + Америка*]. Таълимоти иртиҷоие, ки мувофиқи он гӯё тақдири таърихӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ИМА бо диг. мамлакатҳои қитъаи Амрико як будааст.

**ПАНАРИ́ТСИЙ (ПАНАРИ́ЦИЙ)**, [лот. panaricium]. *тиб*. Варами фасодноки ангушт, мас., баъди даромадани хор.

**ПАНАФРИКАНИ́ЗМ**, [< *пан...* + *Африка*]. Ҳаракати ғоявию сиёсие, ки дар ибтидо муттаҳид намудани зангиҳои африқоии тамоми ҷаҳонро, ки ба муқобили нажодпарастӣ ва нобаробарҳуқуқӣ мубориза мебурданд, мақсади худ медонист; тадриҷан ба ҳаракати миллатдӯстони африқоӣ, ки барои озодии сиёсӣ, иқтисодӣ ва ягонагии халқҳои Африқо мубориза мебарад, табдил ёфт.

**ПАНАТСЕ́Я (ПАНАЦЕ́Я)**, [лот. panaseia]. **1**. Доруи муъҷизаноке, ки кимиёгарон ихтироъ карданӣ буданд ва он гӯё ба ҳамаи дардҳо даво мебахшидааст; дармони ҳамаи дардҳо. **2**. *маҷ*. Илоҷи ҳамаи мушкилот; чорае, ки дар ҳамаи мавридҳо ба кор меояд.

**ПАНГЕ́НЕЗИС**, [< *пан...* + *генезис*]. *биол*. Фарзияи исботнашудаи Ч. Дарвин дар бораи ирсият, ки мувофиқи он аломату хусусиятҳои волидон ба наслҳо тавассути зарраҳои хурдтарин (*геммулаҳо*) интиқол меёбанд.

**ПА́НДА**, [< тибет.]. *зоол*. Ҳайвони ширхӯри ҷангалӣ аз оилаи *енотҳо*.

**ПАНДАКТИЛИ́Т**, [< *пан...* + *дактилит*]. *тиб*. Газаки фасодноки ҳамаи бофтаҳои ангушт. || Мқс. панаритсий.

**ПАНДЕМИ́Я**, [< юн. pandemia тамоми аҳолӣ]. *тиб*. Паҳн шудани ягон бемории сироятӣ (мас., вабо, *грипп*) дар тамоми мамлакат ё қитъа.

**ПАНДИ́Т**, [< санскр.]. Унвони фахрии бараҳмани донишманд дар Ҳиндустон.

**ПАНДО́РА**, [юн. Pandora]. **1**. Дар асотири юнониёни қадим духтаре, ки онро Гефест аз обу гил сириштааст; П аз Зевс қуттиеро гирифт, ки дар дарунаш ҳамаи бадбахтиҳои инсон пинҳон буд; ҳисси кунҷковии ӯ ғалаба карда, он қуттиро кушод ва ҳамаи бадбахтиҳоро раҳо намуд; қуттии Пандора – киноя аз манбаи ҳамаи бадбахтиҳо. **2**. *астр*. Радифи Сатурн, ки қутраш такр. 100 км аст.

**ПА́НДУС**, [< фр. pente douse нишебии ҳамвор]. Майдончаи нишеби ҳамвор дар назди даромадгоҳи хонаҳои истиқоматӣ, фурӯшгоҳҳо, муассисаҳо барои осон даробаро кардани аробачаҳои кӯдакон ва маъюбон, инчунин дар назди гаражҳои чандиношёна ё зеризаминӣ барои баромада фуромадани мошинҳо; дар баъзе мавридҳо П. вазифаи зинаро иҷро мекунад.

**ПАНЕГИ́РИК**, [< юн. logos panegyrikos нутқи тантанавӣ]. **1**. *таър*. Аз аҳди атиқа то охири асрҳои XIX – нутқи мутантани ватандӯстона, ки дар он корнамоиҳои аҷдод, шуҷоату мардонагии халқ васф карда мешуд. **2**. *маҷ*. Таърифу тавсифи аз ҳад зиёд.

**ПАНЕ́Л (ПАНЕ́ЛЬ)**, [ол. Paneel]. **1**. Қисми пиёдагарди кӯча (ниг., инчунин *тротуар*); "ба панел баромадан" – бо фоҳишагӣ машғул шудан. **2**. Қисми поёнии тахтабандӣ ё ранг кардашудаи девор. **3**. Лавҳаи махсуси идоракунӣ дар иншооти саноатӣ, энергетикӣ, нақлиёт, компютер ва ғ. **4**. Лавҳаи калони оҳану бетонӣ, ки дар сохтмон истифода мешавад.

**ПАНЗОО́ТИЯ**, [< *пан...* + юн. zoon ҳайвон]. *байт.* Дараҷаи баландтарини *эпизоотия*; дар саросари як ё якчанд мамлакат, қитъа паҳн шудани ин ё он бемории сироятии ҳайвонот.

**ПА́НИ**, [пол. pani]. Хонум; мурочиати боэҳтиромона ба зан дар Полша ва баъзе мамлакатҳои диг. Аврупои шарқӣ. || Мқс. мадам, мисс.

**ПАНИ́**, [< ҳинд. қад.]. Дар дини ҳиндуия – девҳои бадкору бадандеш, душманони Индра.

**ПАНИКАДИ́ЛО**, [< юн. polykandelon серчароғ]. Қандил, чилчароғ ё шамъдони калони калисо.

**ПАНИРО́ВКА**, [рус. < ол. panieren]. Дар орд ё нони хушки кӯфта (*сухари*) ҷӯлондани гӯшт, моҳӣ, *котлет* ва ғ. пеш аз бирён кардан.

**ПАНИСЛОМИ́ЗМ**, [< *пан...* + ислом]. Панисломия; исломгароӣ; ҷараёни динию сиёсие, ки охири асри XIX дар Шарқи Наздик ба вуҷуд омадааст; П. талқин менамуд, ки ҳамаи мусулмонон бо якдигар бародаранд ва бояд дар як давлати калони исломӣ муттаҳид шаванд.

**ПАНИХИ́ДА**, [< юн. pannychis намози шом]. Ҷаноза (фотиҳахонӣ) дар калисои насронӣ; одатан пеш аз дафни майит ва дар рӯзҳои 3, 9 ва 40-уми баъди фавт хонда мешавад.

**ПАНК,** [англ. punk чӯби пӯсида]. Намояндаи ҷавонони муосир, ки бо рафтор, гуфтор ва намуди зоҳирии худ (ороиши ғайриодии мӯйҳо, либоспӯшии лоуболона ва ғ.) худро ба ҷомеа муқобил гузошта, арзишҳои ахлоқию маънавии аз тарафи умум қабулшудаpo эътироф намекунад. || Мқс. битник.

**ПАНКРАТИО́Н,** [< *пан...* + юн. kratos қувва, нерӯ]. *таър.* Дар Юнони Қадим – ҷанги тан ба тан; намуди зӯрозмоӣ, ки аз унсурҳои гӯштин ва муштзанӣ иборат аст.

**ПАНКРЕАТИ́ЗМ**, [< юн. pankreas ғадуди зери меъда + пасв. -*изм*]. *тиб.* Серфаъолиятии ғадуди зери меъда.

**ПАНКРЕАТИ́Н**, [< юн. pankreas ғадуди зери меъда]. Моддаи ҳосилнамудаи ғадуди зери меъда, ки ферментҳои амилаза, трипсин ва липаза дорад.

**ПАНКРЕАТИ́Т**, [< юн. pankreas ғадуди зери меъда]. *тиб.* Газаки ғадуди зери меъда.

**ПАНКРЕАТОЛИ́Т**, [< юн. pankreas ғадуди зери меъда + lithos санг]. *тиб.* Санги ғадуди зери меъда.

**ПАНКРЕОЗИМИ́Н**, [< юн. pankreas ғадуди зери меъда]. Гормони одам ва ҳайвон, ки онро луобпардаи рӯдаи дувоздаҳангушта ҳосил мекунад; ба ғадуди зери меъда дар ҷудо кардани ферментҳои ҳазмкунанда ёрӣ мерасонад.

**ПАНЛОГИ́ЗМ**, [< *пан...* + юн. logos илм]. *фалс.* Таълимоти фалсафӣ дар бораи он ки оламро қонунҳои мантиқ идора мекунанд; ҳастӣ таҷассуми хирад буда, қонунҳои

ҳастӣ бо қонунҳои мантиқ, ки асос ва қувваи баҳаракатоварандаи тамоми мавҷудотанд, муайян карда мешаванд.

**ПАНМИЕЛОФТИ́З**, [лот. panmyelophthisis]. *тиб*. Сили мағзи устухон; коҳиш ёфтани мағзи устухон ва ба ҷои он сабзидани бофтаи чарбӣ, ки дар натиҷа ҳосилшавии хун ниҳоят кам мегардад.

**ПАНМИКСИ́Я,** [лот. panmixsia]. *биол*. **1**. Ҷуфтшавии озод (тасодуфӣ)-и фардҳо дар доираи як *популятсия*. **2**. Алоқаи ҷинсии шахсони гуногуннажод.

**ПАННО́**, [лот. panneau]. **1**. Қисми бо гаҷ ё ранг гулкорӣ кардашудаи девор ё сақф. **2**. Сурат ё манзараи табиат, ки як қисми девор ё сақфро зинат медиҳад.

**ПА́ННУС**, [лот. pannus латтапора]. *тиб*. Варами қарнияи чашм, ки бештар ҳангоми рамад (*трахома*) мушоҳида карда мешавад.

**ПАНО́ПТИКУМ**, [< *пан*... + юн. optikos тамошо, дидан]. Ҷамъ кардани ҳар гуна ашёи нодир, ғайриодӣ, ғалатӣ.

**ПАНОРА́МА**, [< *пан*... + юн. horama намуд, манзара]. **1**. Манзараи (намуди) маҳал аз баландӣ. **2**. Сурати калон дар девори бинои мудаввари сақфаш равшан, мас., П.-и муҳорибаи Бородино. **3**. *ҳарб*. Чашмандоз; асбоби оптикӣ барои ба нишон рост кардани тӯп. **4**. Шарҳу тафсири рӯйдодҳо, воқеаҳо, далелҳо дар ВАО.

**ПАНОФТАЛМИ́Т (ПАНОФТАЛЬМИ́Т)**, [< *пан*... + юн. ophthalmos чашм]. *тиб*. Газаки фасодноки ҳамаи бофтаю пардаҳои чашм.

**ПАНПСИХИ́ЗМ**, [< *пан*... + юн. psyche рӯҳ]. *фалс*. Таълимоти фалсафие, ки мувофиқи он дар олам гӯё ҳама чиз, аз он ҷумла табиат, ҷон дорад. || Мқс. анимизм.

**ПАНСИО́Н**, [< лот. pensio пардохт]. **1**. *таър*. Дар Россияи подшоҳӣ ва баъзе мамлакатҳои диг. Аврупо – мактаби миёнаи хобгоҳдор, ки дар он ҳамаи талабагон бо хӯрок ва диг. ашёи зарурӣ пурра таъмин карда мешуданд. **2**. Меҳмонхонае, ки дар он ғайр аз хизматҳои дигар ба бошандагон хӯрок низ медиҳанд. **3**. Бо хӯрок ва хизматрасониҳои диг. пурра таъмин кардани иҷоранишин, меҳмон ва ғ.

**ПАНСИОНА́Т**, [< *пансион*]. **1**. Ниг. *пансион* (маънои 2). **2**. Истироҳатгоҳ. **3**. Меҳмонхона барои шахсоне, ки дар *курорт* истироҳат мекунанд.

**ПАНСИОНЕ́Р**, [< *пансион*]. **1**. Талабаи *пансион* (маънои 1). **2**. Бошандаи пансион; шахсе, ки дар таъминоти пурраи *пансион* (маънои 2) аст.

**ПАНСПЕРМИ́Я**, [< *пан*... + юн. sperma нутфа]. *фалс., биол*. Фарзияе, ки мувофиқи он ҳаёт дар Замин гӯё дар натиҷаи аз сайёраҳои дигар оварда шудани ким-чӣ хел ҷанини ҳаёт ё тухми (*спораи*) микроорганизмҳо пайдо шудааст.

**ПАНТАЛО́Н**, [ит. pantalon]. **1**. Шим, шалвори мардона. **2**. Эзор, пойҷомаи занона.

**ПАНТЕИ́ЗМ**, [< *пан...* + юн. theos Худо]. *фалс.* Таълимоти динию фалсафие, ки Худоро бо табиат як чиз мешуморад ва табиатро таҷассуми Худо медонад; ваҳдати вуҷуд. || Мқс. деизм, теизм.

**ПАНТЕИ́СТ**, [< *пантеизм*]. Пайрави *пантеизм.*

**ПАНТЕО́Н**, [< *пан...* + юн. theos Худо]. **1**. Дар Рим ва Юнони Қадим – дахмаи ҳамаи худоҳо. **2**. Маҷмуи худоҳои ин ё он дин, мас., дини бутпарастӣ. **3**. Дахма, оромгоҳи ашхоси бузург. || Мқс. некропол.

**ПАНТЕ́РА**, [юн. panthera]. *зоол.* Юз; ҳайвони даранда аз оилаи гурбаҳо; пӯсташ холдор ё сиёҳ; баъзан паланг, *барс, леопардро* низ П. меноманд.

**ПАНТО́ГРАФ**, [< *пан...* + юн. grahpo менависам]. *тех.* **1**. Асбоб барои нусхабардории суратҳо, нақшаҳо ва ғ. **2**. Қисми нусхабардори дастгоҳ. **3**. Ҷараёнгирак; олате дар болои боми *электровоз* барои гирифтани ҷараён аз сими васлкунанда.

**ПАНТОМИ́М**, [< юн. pantomimos ба ҳама чиз тақлидкунанда]. *таър.* **1**. Намоиши рақсӣ дар Рими Қадим, ки дар он раққосон амалиёту ҳиссиёти қаҳрамононро бе сухан, бо имову ишора ва ҳаракатҳои бадан ифода мекарданд. **2**. Шахсе, ки чунин рақсро иҷро мекунад; тақлидгар.

**ПАНТОМИ́МА**, [< *пан...* + юн. mimos тақлид]. Тақлиди бесухан; намуди санъати саҳнавӣ, ки дар он образи бадеӣ бо ёрии имову ишора ва ҳаракатҳои бадан офарида мешавад.

**ПАНТОПО́ДҲО**, [< *пан...* + юн. pus (podos) пой]. *зоол.* Синфи дарандаҳои баҳрӣ (ба истилоҳ, тортанакҳои баҳрӣ), ки 4 - 6 ҷуфт пой доранд. || Мқс. октапод, титрапод.

**ПАНТОПО́Н**, [< *пан...* + *оп(иум)*]. Як навъ доруи пасткунандаи шиддати дард ва хобовар. || Мқс. морфин.

**ПАНТОФА́Г**, [< *пан...* + *...фаг*]. *зоол.* Ҳайвони ҳамачизхӯр; ҳайвоне, ки ҳар гуна хӯрокро мехӯрад. || Мқс. монофаг.

**ПА́НТҲО**, [муғ.]. Шохҳои наврустаи оҳу, ки аз онҳо ҳар гуна дору (мас., пантокрин) тайёр мекунанд.

**ПАНЧАВА́РША**, [ҳинд.]. Анҷумани ҷамъиятҳои буддоӣ, ки дар 5 сол як маротиба даъват карда мешавад.

**ПАНЧАЯ́Т**, [ҳинд.]. **1**. Дар Ҳиндустон – шӯрои қабила, маҳалла, ҷамоат, *кооператив* ва ғ. **2**. Номи мақомоти худидоракунӣ дар баъзе мамлакатҳои Осиёи Ҷанубӣ.

**ПА́НЧЕР¹**, [англ. puncher]. **1**. Сӯрох шудани чархи автомобил. **2**. Коғазсӯрохкунак; чиптасӯрохкунак. **3**. Парма. **4**. *маҷ.* Вайрон шудани ягон чорабинӣ, нақша.

**ПА́НЧЕР²**, [англ. puncher]. *варз.* Боксчие, ки мусобиқаро бо нокаути ҳариф (ниг. *нокаут*) ба анҷом мерасонад.

**ПА́ПА**, [лот. papa < юн. papas падар]. Саррӯҳонии католикҳо.

**ПАПА́ЙЯ**, [англ. papaya]. Нахли харбуза; як навъ дарахти тропикӣ, ки меваи харбузамонанди он дар ғизо ва дорусозӣ истифода мешавад.

**ПАПАРА́ТСИ (ПАПАРА́ЦЦИ)**, [ит. Paparazzi – аз номи суратгир Папараццо – қаҳрамони филми Ф. Феллини "Ҳаёти ширин"]. Журналист-суратгири шилқине, ки бо мақсади гирифтани суратҳои ҳангоманок ба ҳаёти шахсии одамони машҳур дахл мекунад.

**ПАПА́ХА**, [рус. < озар.]. Попох; телпаки баланди бегӯшаки пашмин, ки бештар дар байни кавказиён ва казакҳо маъмул аст.

**ПАПИЛЛО́МА**, [лот. papilla нӯги пистон + *...ома*]. *тиб.* Омоси безарари пӯст ва луобпарда, ки ба нӯги пистон монанд аст ва номаш аз ҳамин ҷост.

**ПАПИЛЛЯРӢ,** [< лот. papilla нӯги пистон]. *анат.* Хатҳои папиллярӣ – хатҳои кафи даст, болиштаки ангуштон ва кафи пои одам, ки мутлақо инфиродӣ буда, тамоми умр бетағйир мемонанд; дар *дактилоскопия, дерматоглифика*, инчунин дар *криминалистика* барои муайян кардани шахсияти ҷинояткор истифода мешаванд.

**ПАПИЛЙО́ТКА (ПАПИЛЬО́ТКА),** [фр. papilote]. Лӯлачаи коғазӣ ё латтагӣ, ки мӯйҳоро барои ҷингила шудан ба он мепечонанд. || Мқс. бигуди.

**ПАПИРОЛО́ГИЯ**, [< юн. papyros папирус + *...логия*]. Дастхатшиносӣ; илме, ки дастхатҳои қадимаро меомӯзад.

**ПАПИРО́СА**, [< ол. Papier коғаз]. Найчаи коғазие, ки як қисми он бо тамоку пур карда шудааст. || Мқс. сигара, сигарета.

**ПАПИ́РУС**, [лот., юн. papyrus]. **1**. Гиёҳи бисёрсолаи тропикӣ аз оилаи ғешаҳо, ки дар ҷойҳои сернам мерӯяд; дар Мисри Қадим аз пояи он масолеҳи хатнависӣ, либос, пойафзол, заврақ ва ғ. тайёр мекарданд. **2**. Масолеҳи қадими хатнависӣ, ки пеш аз коғаз ихтироъ шуда буд; барои тайёр кардани он шоха ё пояи П.-ро тунук-тунук бурида, паҳлӯи ҳам ду қабат чида, ҳарду қабатро сахт фишурда, ба ҳам мечаспонданд ва мехушконданд. **3.** Хате, ки дар ҳамин гуна масолеҳ навишта шудааст.

**ПА́ПКА**, [рус. < ол. Pape коғази ғафс (*картон*)]. **1**. Ҷузвдон; ҷузвадон; ҷилди коғазӣ (картонӣ) ё чармӣ барои нигоҳ доштани коғазҳо. **2**. Дар *полиграфия* – муқоваи картонии китоб. **3**. Дар компютер – ҷузвдоне, ки дар он сурат, мусиқӣ, филм, ҳаргуна ҳуҷҷатҳо нигоҳ дошта мешавад.

**ПАППАТА́ЧИ**, [< ит. pappa мегазад + tace хомӯшона]. *тиб.* Вараҷаи хомӯшакӣ; як намуди вараҷа, ки аз газидани хомӯшак пайдо мешавад.

**ПАПРИ́КА**, [венгр. paprika]. **1**. Занҷабил; растании полизӣ аз ҷинси ангури сагак, ки меваи сурхи тез (тунд) ва баъзан ширин дорад. **2**. Доруи хокаи лаззатфизо, ки аз мева ва тухми ҳамин растанӣ тайёр карда, ба таом меандозанд.

**ПАПУА́СҲО**, [< малай. papuwa ҷингиламӯй]. Номи умумии аҳолии тагҷоии Гвинеяи Нав ва диг. ҷазираҳои қисми ҷануби ғарбии Уқёнуси Ором.

**ПА́ПУЛА**, [< лот. papula гармича]. *тиб.* Пайсаи дона-донаи хушк, ки дар рӯи пӯст ё луобпарда медамад.

**ПАПЙЕ́-МАШЕ́ (ПАПЬЕ́-МАШЕ́)**, [< фр. papier mache коғази хоидашуда]. Хамираи ғализи коғазӣ, ки аз омехтаи ширеш, гач ва бӯр тайёр карда, барои сохтани чизҳои гуногун истифода мешавад.

**ПАРА...**, [< юн. para дар назди…, дар шафати…]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки дар назди (шафати, паҳлӯи) чизе қарор доштан, ба чизе наздик будан ё аз чизе дур будан (шудан), бар хилофи чизе буданро ифода мекунад, мас., *парамагнетизм, парахронизм*.

**ПАРАБЕ́ЛЛУМ**, [< лот. para bellum ба ҷанг тайёр шав]. Таппончаи ҳашттираи *калибраш* 9 мм, ки то соли 1945 дар қувваҳои мусаллаҳи Олмони фашистӣ истифода мешуд. || Мқс. браунинг, маузер, наган.

**ПАРАБИО́З**, [< *пара...* + bios ҳаёт]. *биол.* **1**. Усули ба таври сунъӣ пайванд кардани ду организм, ки баъди он гардиши умумии хун ба вуҷуд меояд; дар таҷрибаҳои биологӣ барои омӯхтани таъсири якдигарии узвҳо ва бофтаҳои организмҳои пайвандшуда (*парабионтҳо*) истифода бурда мешавад. **2**. Суст шудани ангезиш ва ноқилияти бофта дар натиҷаи аз ҳад зиёд ангезиш додани он.

**ПАРАБИО́НТ**, [< *парабиоз*]. *биол.* Организме, ки ба таври сунъӣ бо организми дигар пайванд карда шудааст.

**ПАРА́БОЛА[1]**, [< юн. parabole ҳалқа]. *геом.* Хати каҷи ғайрисарбаста, ки ҳар як нуқтаи он аз нуқтаи *фокус* ва хати рости *директриса* дар як хел масофа воқеъ шудааст.

**ПАРА́БОЛА[2]**, [< юн. parabole ҳалқа]. *адш.* Масал; ҳикоячаи тамсилии панду ҳикматдор.

**ПАРАБОЛО́ИД,** [< юн. parabole ҳалқа + eidos намуд]. *геом.* Сатҳи ғайрисарбастаи тартиби 2-юм; дар натиҷаи ҳаракати *параболае* пайдо мешавад, ки қуллааш рӯ-рӯи *параболаи* дигари беҳаракат мелағжад. || Мқс. гиперболоид.

**ПАРАВА́Н**, [англ. paravane]. Олате, ки барои муҳофизати танаи киштиҳои ҳарбӣ аз минаҳои лангарӣ истифода мешавад.

**ПАРАГА́НГЛИЙҲО**, [< *пара...* + *ганглий*]. *физиол.* Ғадудҳои тарашшуҳи дарунии одам ва ҳайвоноти сутунмӯҳрадор, ки дар ғадуди болои гурда ва дар қисми *аорта* ва дил воқеъ шуда, дар хун *адреналин* ва *норадреналин* ҳосил мекунанд.

**ПАРАГЕ́НЕЗИС**, [< *пара...* + *...генезис*]. *геол.* Парагенезиси минералҳо – дар қишри замин якҷоя (ҳамроҳ) будани минералҳое, ки дар як шароит ба вуҷуд омадаанд.

**ПАРА́ГРАФ**, [юн. paragraphe]. **1**. Банд; қисми матни дохили боб ё фасл, ки бо аломати § ишора карда мешавад. **2**. Худи аломати §.

**ПАРА́Д**, [фр. parade]. **1**. Сафкашӣ ва гузариши ботантанаи ҳарбиён, техникаи ҳарбӣ, варзишгарон ва ғ. ба муносибати ягон воқеаи муҳим. **2**. *варз*. Дар шамшербозӣ ва бокс – усули муҳофизат аз ҳуҷуми ҳариф. **3**. Бо тантана ба саҳна баромадани ҳамаи иштирокдорони барномаи сирк.

**ПАРАДИ́ГМА**, [< юн. paradeigma намуна]. **1**. *збш*. Системаи шаклҳои як калима, мас., П.-и тасрифи феъл. **2**. *фалс*. Нақша ё амсилаи консепсиявии масъалагузорӣ ва ҳалли масъалаҳо, усулҳои таҳқиқ, ки дар давраи муайяни таърих дар илм роиҷ буданд. **3**. *фалс*. Маҷмуи тасаввурот ва ақидаҳое, ки барои марҳалаи муайяни рушди илму фарҳанг ва, умуман, тамаддун хос мебошанд. **4**. Мисол аз таърих, ки барои муқоиса ё исботи ақидае оварда мешавад.

**ПАРАДИ́З**, [< юн. paradeisos боғ < форс. қадим]. **1**. *куҳна*. Биҳишт, фирдавс. || Мқс. эдем. **2**. Қатори баландтарин дар театр.

**ПАРАДО́КС**, [< юн. paradoxos ғайричашмдошт, аҷоиб]. **1**. Фикре, ки бо ақидаҳои маъмулӣ ё хулосаҳои илмӣ мувофиқат намекунад, дар ҳақиқат ё дар назари аввал ба ақли солим рост намеояд. **2**. Ягон ҳодисаи ғайричашмдошт ё тасодуфӣ, ки пештар комилан имконнопазир дониста мешуд. **3**. Дар илми мантиқ – мухолифате, ки дар рафти муҳокимаронии дурусти мантиқӣ пайдо шудааст.

**ПАРАЗИ́Т**, [< юн. parasitos муфтхӯр]. **1**. *биол*. Ангал; ҷонваре, ки дар сатҳи пӯст ё дар даруни бадани ҷонвари дигаре зиндагӣ карда, аз ҳисоби он ғизо мегирад ва инкишоф меёбад, инчунин ҳамин гуна растанӣ. **2**. *маҷ*. Муфтхӯр, туфайлихӯр; аз ҳисоби дигарон зиндагикунанда.

**ПАРАЗИТИ́ЗМ**, [< *паразит* + пасв. -*изм*]. **1**. *биол*. Муносибати байниҳамдигарии организмҳои гуногуннамуд, ки яке аз онҳо (*паразит*, ангал) дигариро (хӯҷаинро) ба сифати макони зист ва манбаи ғизо истифода бурда, одатан ба он зарар мерасонад. П. дар ҳамаи сатҳҳои олами ҳайвоноту наботот – аз вирусҳо сар карда, то растаниҳои олӣ ва ҷонварони серҳуҷайра ҷой дошта метавонад. **2**. *маҷ*. Муфтхӯрӣ, туфайлихӯрӣ; зиндагӣ кардан аз ҳисоби шахси дигар.

**ПАРАЗИТОЛО́ГИЯ**, [< *паразит* + ...*логия*]. Ангалшиносӣ; фасли биология дар бораи ангалҳо (*паразитҳо*), ҳодисаҳои *паразитизм*, бемориҳое, ки ангалҳо пайдо мекунонанд, инчунин усулҳои муҳофизати одамон ва набототу ҳайвонот аз ангалҳо.

**ПАРАЗИТОСЕНО́З (ПАРАЗИТОЦЕНО́З)**, [< *паразит* + koinos умумӣ]. *биол*. Маҷмӯи ангалҳое, ки дар ягон узв ё дар тамоми организми одам, ҳайвон ё растанӣ (мас., дар рӯда, ковокии даҳон ва м. инҳо) зиндагӣ мекунанд. || Мқс. биосеноз.

**ПАРАКОКЛЮ́Ш**, [< *пара*... + *коклюш*]. *тиб*. Бемории сироятии кӯдакон, ки ба сулфакабутак (*коклюш*) монанд аст, аммо нисбат ба он сабуктар мегузарад.

**ПАРАКСИАЛӢ**, [< *пара...* + axis тир]. *тех.* Наздимеҳварӣ; бо меҳвар самти ягонадошта. || Мқс. коаксиалӣ.

**ПАРАЛА́ЙЗЕР,** [англ. paralyser]. Ниг. *электрошокер*.

**ПАРАЛИНГВИ́СТИКА**, [< *пара...* + *лингвистика*]. *збш.* Фасли забоншиносӣ, ки воситаҳои ғайризабонии нутқ (имову ишора, ҳаракати бадан ва м. инҳо)-ро меомӯзад.

**ПАРАЛЛА́КС**, [< юн. parallaxis тағйирёбӣ]. **1**. Дар натиҷаи дигар шудани ҷои чашми мушоҳид зоҳиран тағйир ёфтани мавқеи ашё. **2**. *астр.* Ҷойивазкунии зоҳирии ҷирмҳои осмонӣ дар натиҷаи ҷойивазкунии мушоҳид дар фазо.

**ПАРАЛЛЕЛЕПИ́ПЕД**, [< *паралел* + epipedon ҳамворӣ]. *геом.* Шашрӯяе, ки рӯяҳои муқобилаш бо якдигар баробар ва мутавозиянд (*параллеланд*). || Мқс. гексаэдр, октаэдр, пирамида.

**ПАРАЛЛЕЛИ́ЗМ**, [< *паралел*]. **1**. Мутавозият; айният. **2**. Айнан як корро иҷро кардани ду шахс ё ду муассиса.

**ПАРАЛЛЕЛОГРА́ММ**, [юн. parallelogrammon]. *геом.* Чоркунҷае, ки тарафҳои муқобилаш бо якдигар мутавозиянд (*параллеланд*). || Мқс. квадрат, ромб.

**ПАРАЛЛЕ́Л (ПАРАЛЛЕ́ЛЬ)**, [юн. parallelos аз паҳлӯ равонбуда]. **1**. *геом.* Хати росте, ки бо хати рости дигар мутавозӣ (мувозӣ) буда, ба ду тараф ҳар қадар давом дода шаванд ҳам, якдигарро намебуранд. **2**. *геогр.* Арз; хати буриши сатҳи кураи замин, ки бо *экватор* (хати истиво) мутавозӣ аст.

**ПАРАЛОГИ́ЗМ**, [< *пара...* + logos сухан, калом]. *фалс.* Хатои мантиқии ғайриихтиёрӣ.

**ПАРАМАГНЕТИ́ЗМ**, [< *пара...* + *магнетизм*]. *физ.* Хосияти магнитнокшавии моддаи дар майдони магнитии беруна ҷойдодашуда ба равиши ин майдон.

**ПАРА́МЕТР**, [юн. parametreo чен мекунам]. **1**. *мат.* Бузургие, ки қиматҳояш барои ҷудо кардани унсури муайяне аз байни унсурҳо имкон медиҳанд. **2**. *физ.*, тех. Бузургие, ки ягон хусусияти ҳодиса, олат, асбоб ва м. инҳоро ифода мекунад (мас., П.-ҳои техникии трактор – вазн, суръат, тавоноӣ ва диг. хусусиятҳои трактор). **3**. *маҷ.* Аломат, нишондиҳанда, маҳаке, ки барои тавсиф ё арзёбии ягон чиз, ҳодиса, раванд зарур аст.

**ПАРАМЕТРИ́Т**, [< *пара...* + metra бачадон]. *тиб.* Газаки бофтаҳои атрофи бачадон, ки баъзан баъди таваллуд кардан ё исқоти ҳамл рӯй медиҳад.

**ПАРАМНЕЗИ́Я**, [< *пара...* + mnesis хотира]. *тиб.* Вайроншавии хотира, ки ҳангоми он бемор ҳар гуна хотираҳои бардурӯғро пеши назар меорад; *псевдомнезия* низ гӯянд. || Мқс. амнезия.

**ПАРАМИ́ТА**, [< санск.]. Шаш зинаи камолот дар дини буддоӣ.

**ПАРАНГО́Н**, [< фр. parangon намуна]. Санги қиматбаҳо ё дурри беайб, бенуқсон.

**ПАРАНЕКРО́З**, [< *пара...* + nekros мурда]. *тиб*. Ниг. *некробиоз*.

**ПАРАНЕФРИ́Т**, [< *пара...* + *нефрит*]. *тиб*. Варами ҳавзаки назди гурда. || Мқс. гидронефроз, нефроз.

**ПАРАНО́ИД**, [< *паранойя...* + юн. eidos намуд]. *тиб*. Яке аз ду намуди асосии ихтилоли рӯҳӣ (*психоз*) дар остонаи пирӣ (намуди дигараш – *меланхолия*).

**ПАРАНО́ЙЯ**, [< юн. paranoia беақлӣ]. *тиб*. Номи умумии бемориҳои рӯҳӣ, ки бо ҳазён, васваса, тарсу воҳимаи беасос, гумонҳои бад ва м. инҳо зоҳир мегарданд.

**ПАРАНО́МИЯ**, [< юн. paranomia беқонунӣ]. Мухолифат, зиддият дар қонун.

**ПАРАНТЕ́З**, [юн. paranthesis]. Қавсайни нақшин барои муттаҳид кардани якчанд калима, ҷумла, сатр; бештар дар ҷадвалҳо ва формулаҳо истифода мебаранд.

**ПАРА́НТРОП**, [< *пара...* + anthropos одам]. *пал*. Маймуни одамшакли мунқариз, ки ба *австралопитек* монанд буда, дар оғози давраи *антропоген* зиндагӣ кардааст. || Мқс. антропоид, мегантроп, парапитек.

**ПАРАПЕ́Т**, [ит. parapetto]. **1**. Тавора, панҷараи пасти лаби пул, лаби бом ва ғ. **2**. Хоктӯда барои муҳофизат аз тири душман. **3**. Девори сангине, ки сарбандро аз мавҷҳои харобиовари об муҳофизат мекунад.

**ПАРАПИТЕ́К**, [< *пара...* + pithekos маймун]. *пал*. Яке аз қадимтарин маймунҳои одамшакли мунқариз. || Мқс. австралопитек, антропоид, мегантроп, парантроп.

**ПАРАПЛЕГИ́Я**, [< *пара...* + юн. plege зарба]. *тиб*. Фалаҷи ҳарду по ё ҳарду даст. || Мқс. парез.

**ПАРАПРОКТИ́Т**, [< *пара...* + юн. proktos мақъад]. *тиб*. Газаки бофтаҳои атрофи мақъад ва рӯдаи рост.

**ПА́РАПСИХОЛО́ГИЯ**, [< *пара...* + *психология*]. Таҳқиқи психологии ҳодисаҳое, ки асос ва исботи илмӣ надоранд (мас., *телекинез, телепатия*, пешгӯӣ, сеҳр, ғайбдонӣ ва м. инҳо); ба *магия* ва *шаманизм* наздик аст.

**ПАРАСЕЛЕ́Н**, [< *пара...* + selene Моҳ]. *астр*. Навъи ҳола (ниг. *гало*); доғи сафеди назди Моҳ.

**ПАРАСИМПАТӢ**, [< *пара...* + *симпатӣ*]. *физиол*. Системаи асаби парасимпатӣ – қисми системаи асаби *вегетативӣ*, ки фаъолияти ҳамаи узвҳои даруниро танзим менамояд.

**ПАРАСКАРИДО́З,** [< *пара...* + *аскарида*]. *байт*. Бемории ҳайвоноти тоқсум (мас., асп); кирмчаҳое ба вуҷуд меоранд, ки дар рӯдаи борик зиндагӣ мекунанд (асосан *нематодҳо* ва *аскаридаҳо*).

**ПАРАТИ́Ф**, [< *пара...* + *тиф*]. *тиб.* Бемории шадиди гузарандае, ки ба арақа (ҳасбаи батнӣ, тифи шикамӣ) монанд буда, *салмонеллаҳо* бармеангезанд.

**ПАРАТИФЛИ́Т**, [< *пара...* + *тифлит*]. *тиб.* Газаки бофтаҳои атрофи кӯррӯда.

**ПАРА́Ф**, [фр. paraphe]. **1**. Думаки качу килеби имзо. **2**. Ҳарфҳои аввалини ному насаб.

**ПАРАФА́ЗИЯ**, [< *пара...* + *афазия*]. *тиб.* Яке аз шаклҳои *афазия*; Ҳангоми нутқи шифоҳӣ дигар кардани ҷои овозҳо ё ҳиҷоҳо дар калима ё ҷои калимаҳо дар ҷумла; П. ҳангоми осеб дидани минтақаҳои нутқи мағзи сар инкишоф меёбад.

**ПАРАФИ́ЗҲО**, [< *пара...* + юн. physa варам]. *бот.* Гурмҳои бисёрҳуҷайра ё баъзе ҳуҷайраҳои обсабзҳо, занбурӯғҳо ва ушнаҳо, ки узвҳои ҷинсии онҳоро аз хушкшавӣ нигоҳ медоранд.

**ПАРАФИ́Н**, [фр. paraffine]. Моддаи муммонанди сафед ё зардчаи зудгудоз, ки аз нафт ҳосил карда мешавад.

**ПАРАФРА́З**, [< юн. paraphrasis тавсиф]. Ниг. *парафраза.*

**ПАРАФРА́ЗА**, [< юн. paraphrasis тавсиф]. **1**. *адш.* Бо суханони худ нақл кардани ягон матн; нақли ба матн наздик. **2**. *адш.* Баёни мухтасари ягон асари бадеии калон барои кӯдакон ё омма. **3**. *мус.* Пйесаи мусиқии моҳирона дар мавзуъҳои операвӣ ё *фолклорӣ.*

**ПАРАХРОНИ́ЗМ**, [< *пара...* + chronos вақт]. Хатои хронологӣ; саҳв дар таърихнависӣ; замони воқеаеро саҳван ба замони дигар нисбат додан.

**ПАРАШЮ́Т**, [фр. parachute]. Чатри наҷот; олати чатрмонанди дар ҳаво кушодашаванда, ки бо он аз ҳавопаймо меҷаҳанд ё бор мепартоянд.

**ПАРАШЮТИ́ЗМ**, [< *парашют*]. *варз.* **1**. Назария ва амалияи истифодаи *парашют.* **2**. Варзиши парашютӣ; ҷаҳидан бо парашют аз ҳавопаймо ва ҳангоми ин иҷро намудани ҳар гуна амалиёти акробатӣ, фуруд омадан аниқ ба ҷои муайяншуда.

**ПАРВ, ПАРВЭ́**, [яҳ. қад.]. Дар дини яҳудия – хӯроке, ки дар таркибаш маҳсулоти ширӣ ва гӯштӣ надорад.

**ПАРВЕНЮ́**, [фр. parvenu]. Одами аслу насабаш паст, ки тасодуфан ба мартабаҳои баланд расида, дар байни ашроф ва асилзодагон ҷой гирифтааст.

**ПАРГЕ́ЛИЙ**, [< *пара...* + helios Офтоб]. *астр.* Навъи ҳола (ниг. *гало*); доғи сафеди назди Офтоб. || Мқс. параселен.

**ПАРДО́Н**, [фр. pardon]. Бубахшед; узр (маъзарат) мехоҳам; гунаҳгорам.

**ПАРЕ́З**, [< юн. paresis сустӣ, заъф]. *тиб.* Фалаҷи ҷузъӣ, нопурра; суст шудани кори ягон узв дар натиҷаи зарар дидани системаи асаб.

**ПАРЕЙАЗА́ВР**, [< юн. pareia рухсора + ...*завр*]. *пал.* Хазандаи калонҷуссаи давраи перм аз синфи *котилозаврҳо*, ки устухонҳои рухсорааш барҷастаанд ва номаш аз ҳамин ҷост. || Мқс. скутозавр.

**ПАРЕМИОЛО́ГИЯ**, [< юн. paroimia ҳикмат, андарз + ...*логия*]. Зарбулмасалшиносӣ; соҳаи филология, ки панду андарз ва зарбулмасалу мақолҳоро тадқиқ мекунад.

**ПАРЕНТЕРАЛӢ**, [< *пара...* + enteron рӯда]. *тиб.* Усули дорудиҳӣ на аз даҳон ё мақъад, балки ба воситаи сӯзанзанӣ (тазриқ).

**ПАРЕНХИ́МА,** [< *пара...* + enchyma рехташуда]. *биол.* Бофтаи асосии ягон узви ҳайвон ё растанӣ, ки вазифаи асосии ин узвро иҷро мекунад.

**ПАРЕСТЕЗИ́Я**, [< юн. paraisthesis эҳсоси қалбакӣ]. *тиб.* Эҳсоси карахтӣ, сихзанӣ, мурғак дамидани пӯст, ки аз таъсири ангезаҳои берунӣ вобаста набуда, ҳангоми баъзе бемориҳои системаи асаб пайдо мешавад. || Мқс. анестезия.

**ПАРИЕТАЛӢ**, [< лот. parietalis деворӣ]. *анат.* Рӯидеворӣ; ба девори ягон ковокии бадан часпида, мас., пардаи рӯи қафаси сина.

**ПАРИ́К,** [фр. perruque]. Мӯйи сунъии сар.

**ПАРИТЕ́Т**, [< лот. paritas баробарӣ]. **1**. Баробарӣ; баробарҳуқуқӣ; баробарарзишӣ. **2**. *мол.* Таносуби байни асъори мамлакатҳои гуногун. **3**. Баробарии мамлакатҳо аз ҷиҳати қувваҳои мусаллаҳ ва аслиҳа.

**ПАРК**, [англ. park]. **1**. Боғи истироҳат; чорбоғ. **2**. Ҷои таваққуф ва таъмири воситаҳои нақлиёт, мас. П.-и троллейбусҳо. **3**. Ҷамъи мошину дастгоҳҳои хоҷагӣ ё соҳа. **4**. Анбори сайёр, ки дар вақти ҷанг ё машқ сарбозонро бо хӯрок ва лавозимоти ҷангӣ таъмин менамояд.

**ПА́РКА[1],** [лот. Parca]. **1**. Дар асотири римиёни қадим – ҳар кадоме аз се олиҳаи сарнавишт; дар асотири юнониёни қадим – *Мойра*. **2**. *маҷ.* Сарнавишт, қисмат, тақдир.

**ПА́РКА[2],** [англ. parka]. Як навъ пӯстини кулоҳдори чармаш ба дарун.

**ПАРКЕ́Т,** [фр. parquet]. Тахтачаҳои тунуки ҳамвор барои сохтани фарш ва фарши бо ҳамин тахтачаҳо сохташуда.

**ПА́РКИНГ**, [англ. parking]. Ҷои махсус ҷиҳозонидашудаи мошинмонӣ; таваққуфгоҳ.

**ПАРКИНСОНИ́ЗМ**, [аз номи табиби англис Ҷ. Паркинсон (1755 – 1824)]. *тиб.* Бемории Паркинсон; беморие, ки бо суст ё тамоман нест шудани ҳаракати мушакҳо (*акинезия*), аз ҷумла мушакҳои рӯй (*амимия*), ларзидани дасту пойҳо, ихтилоли роҳгардӣ ва нутқ зоҳир мегардад; ҳангоми *атеросклероз* ва *энсефалити* рагҳои мағзи сар, фалаҷ ва бемориҳои дигар пайдо мешавад.

**ПАРЛА́МЕНТ**, [англ. parliament < фр. parlement < parler гуфтан]. Мақоми олии давлатии қонунбарор, ки ҳайати онро намояндагон (вакилон) ташкил медиҳанд;

дар ҳар мамлакат ҳар хел номида мешавад, мас.: бундестаг, кнессет, конгресс, маҷлис, сейм, хурал.

**ПАРЛАМЕНТАРИ́ЗМ**, [< *парламент*]. Давлатро идора кардани *парламент*.

**ПАРЛАМЕНТА́РИЙ**, [< *парламент*]. Узви *парламент*; вакил, *депутат*.

**ПАРЛАМЕНТЁР**, [фр. parlementaire < parler гап задан]. Шахсе, ки дар вақти ҷанг барои гуфтушунид бо душман ваколатдор шудааст; шахсияти П. дахлнопазир буда, нишонаи фарққунандаи он парчами сафед мебошад.

**ПА́РОД**, [юн. parodos]. *мус*. Дебочаи *хор*; суруди муқаддимавии хор.

**ПАРОВО́З**, [рус. пар буғ + возить кашондан]. *Локомотиви* дорои муҳаррики буғӣ.

**ПАРО́ДИЯ**, [< юн. parodia суруди чаппа]. **1**. Тақлиди ҳаҷвӣ ё масхараомез ба ягон кас, ба ягон чиз. **2**. *маҷ*. Тақлиди бемуваффақият, беҳунарона.

**ПАРОДО́НТ**, [< *пара...* + odus (odontos) дандон]. *анат*. Бофтаҳои атрофи решаи дандон.

**ПАРОДОНТИ́Т**, [< *пародонт*]. *тиб*. Газаки бофтаҳои атрофи дандон.

**ПАРОДОНТО́З**, [< *пародонт*]. *тиб*. Беморӣи музмини бофтаҳои атрофи дандон, ки ҳангоми он дандонхонаҳо пажмурда шуда, дар байни милк ва дандон ковокии чуқур ба вуҷуд меояд ва дандонҳо лиққонак шуда меафтанд; *амфодонтоз* низ гӯянд.

**ПАРОКСИ́ЗМ**, [юн. paroxysmos ангезиш, ҳаяҷон]. *тиб*. **1**. Хуруҷ ё шиддатёбии ногаҳонии беморӣ. || Мқс. криз. **2**. *маҷ*. Ҳаяҷони сахти ногаҳонӣ, мас. П.-и ғазаб, П.-и адоват.

**ПАРО́Л (ПАРО́ЛЬ),** [фр. parole < parler гуфтан]. **1**. Калима ё ибораи рамзии махфӣ барои шинохтани одамони худӣ дар хизмати ҳарбӣ ё дар ташкилотҳои пинҳонкор; ҷавоби П. ҳам калимаи махфист. **2**. Рамзи махфӣ (мас., калима ё рақам), ки баъди чидани он ба компютер ё барномаи компютерӣ ворид шудан мумкин аст.

**ПАРО́М**, [рус.]. Амад; киштии гузора; киштии на чандон калони тагпаҳн, ки одамон ва борҳои гуногунро аз дарё, кӯл ё халиҷ мегузаронад.

**ПАРОНИМИ́Я**, [< *пароним*]. *збш*. Калимаҳои шаклан ва мазмунан ба якдигар наздик, мас., «тадқиқ» ва «таҳқиқ».

**ПАРО́НИМҲО**, [< *пара...* + onyma ном]. *збш*. Калимаҳои гуногунмаъное, ки дар навишт ва талаффуз ба якдигар наздиканд, мас., «тадбир» ва «таъбир».

**ПАРОНИХИ́Я**, [< *пара...* + onyx (onychos) нохун]. *тиб*. Варами бофтаҳои нарми атрофи нохун. || Мқс. онихия.

**ПАРОНОМАЗИ́Я**, [< *пара...* + onomazo меномам]. *збш*. Дар ҷумла истифода бурдани калимаҳои шаклан ба якдигар монанд, вале мазмунан гуногун (*паронимҳо*).

**ПАРОПРО́ВОД**, [рус. пар буғ + проводить гузарондан]. Қубури (ғулбаи) буғ.

**ПАРОТИ́Т**, [< *пара...* + us (otos) гӯш]. *тиб.* Варами ғадуди паси гӯш.

**ПАРОХО́Д**, [рус. пар буғ + ходить гаштан]. Киштии дорои муҳаррики буғӣ.

**ПАРСЕ́К**, [< *пар(аллакс)...* + сек(унда) (сония)]. *астр.* Воҳиди ченаки масофаи байни ситораҳо, ки ба 3,263 соли рӯшноӣ баробар аст.

**ПА́РТА**, [рус.]. Мизи дарсхонии талабагон.

**ПАРТЕ́НОГЕНЕ́З**, [< юн. parthenos бикр + *...генез*]. *биол.* Яке аз шаклҳои афзоиши ҷинсӣ, ки ҳангоми он тухмҳуҷайра бе бордоршавӣ инкишоф меёбад; П. ба аксари ҷонварони бемӯҳра (мас., занбӯр) ва растаниҳо (мас., қоқу) хос аст.

**ПАРТЕ́НОКАРПИ́Я**, [< юн. parthenos бикр + karpos мева]. *бот.* Мева бастани баъзе растаниҳо (мас., токи ангури бедона) бе бордоршавӣ.

**ПАРТЕ́Р**, [фр. parterre дар рӯи замин]. **1**. Дар театрҳои асрҳои 16 – 17 – ҷойҳои бекурсии пеши саҳна, ки аз он ҷо тамошобинон намоишро рост истода тамошо мекарданд. **2**. Ҷои кушоди боғи истироҳат, ки бо гулзорҳо, ҳавзҳо, фаввораҳо, ҳайкалчаҳо ва ғ. оро дода шудааст. **3**. *варз.* Дар гӯштингирӣ – ҳолате, ки паҳлавон ё ба рӯи қолин ба шикам мехобад ва ё сари зону истода, бо дастонаш ба қолин такя мекунад.

**ПАРТИЗА́Н**, [фр. partisan]. Иштирокчии дастаи ихтиёрии мусаллаҳ, ки дар ақибгоҳи душман амал намуда, ба ёрию дастгирии аҳолии маҳаллӣ такя мекунад.

**ПАРТИКУЛЯРИ́ЗМ**, [< *партикулярӣ*]. *сиёс.* **1**. Парешонӣ, парокандагии сиёсӣ. **2**. Ҷудоихоҳӣ; майли ҷудошавии қисмҳои алоҳидаи давлат ё мамлакат бар зарари манфиатҳои умумидавлатӣ. || Мқс. автаркия, сепаратизм.

**ПАРТИКУЛЯРӢ**, [< лот. particularis шахсӣ, ҷузъӣ]. *куҳна.* **1**. Ғайрирасмӣ, хусусӣ, шахсӣ. **2**. Ғайрирасмӣ, ғайриҳарбӣ, *гражданӣ.*

**ПАРТИ́ТА,** [ит. partita]. *мус.* Як навъ *сюитаи* созӣ, ки асосан аз *пйесаҳои* рақсӣ иборат аст.

**ПАРТИТУ́РА**, [ит. partitura ҷудо кардан, тақсим кардан]. *мус.* Сабти нотавии асари мусиқии бисёровоза (барои хор, оркестр, ансамбли камеравӣ ва м. инҳо), ки дар он *партияҳои* ҳамаи овозҳо (созҳо) бо тартиб якҷоя карда шудаанд.

**ПА́РТИЯ**, [< лот. pars, фр. parti қисм, гурӯҳ, фирқа]. **1**. Ҳизб; ташкилоти сиёсие, ки манфиатҳои ин ё он синфи ҷамъиятиро ҳимоя карда, ба фаъолияти он роҳбарӣ менамояд, мас. П.-и коммунистӣ, П.-и демократӣ. **2**. Даста; гурӯҳи одамон, ки баҳри ягон мақсад, кори якҷоя муттаҳид шудаанд, мас. П.-и геологӣ. **3**. *мус.* Қисми алоҳидаи асари мусиқии бисёровоза, ки аз тарафи як сароянда ё навозанда иҷро карда мешавад. **4**. *варз.* Давр; бозии пурра (аз аввал то охир) дар шоҳмот, *шашка, голф* ва ғ. **5**. Миқдори муайяни мол, мас. П.-и куртаҳои мардона. **6**. *куҳна*. Никоҳ; издивоҷ.

**ПАРФО́РС**, [< фр. par force бо зӯрӣ]. **1**. Гарданбанди сихдор барои сагҳои шикорӣ ва хидматӣ. **2**. Навъи човандозӣ дар сирк, ки ҳангоми он човандоз дар болои аспи давон ҳар хел ҳунарҳои акробатӣ нишон медиҳад.

**ПАРФЮ́М**, [< фр. parfum бӯи хуш]. Ниг. *парфюмерия*.

**ПАРФЮМЕ́РИЯ**, [< фр. parfum бӯи хуш]. **1**. Атриёт. **2**. Фурӯшгоҳи атриёт. **3**. Саноати атриёт.

**ПАРСЕ́ЛЛА (ПАРЦЕ́ЛЛА)**, [фр. parcelle < лот. partialis ҷузъӣ]. Заминчаи деҳқон.

**ПАРСЕЛЯ́ТСИЯ (ПАРЦЕЛЯ́ЦИЯ)**, [< фр. parcelle < лот. partialis ҷузъӣ]. **1**. Ба қисмҳои хурд (*парселлаҳо*) тақсим кардани қитъаи замин. **2**. *збш*. Ба қисмҳои алоҳидаи мустақил тақсим кардани ҷумла бо мақсади равшантар ифода намудани фикр ё ҳиссиёт, мас.: «Дӯст медошт ӯро. Сахт дӯст медошт. Самимона. Бо дилу ҷон».

**ПАС[1]**, [англ. pass]. Дар бозиҳои варзишӣ – партофт; ба ҳамдастаи худ додани тӯб (*шайба*).

**ПАС[2]**, [фр. passe]. **1**. Дар картабозӣ – даст кашидан аз бозӣ; давом надодани бозӣ; мағлуб донистани худ. **2**. Нидое, ки дар ягон кор иштирок накардан ё давом надодани ягон амалро мефаҳмонад.

**ПАСКА́Л (ПАСКА́ЛЬ)[1],** [аз номи олими фаронсавӣ Б. Паскал (Pascal), 1623 - 1662]. *физ., тех*. Воҳиди фишор ва шиддати механикӣ дар Системаи байналхалқии воҳидҳо (СИ); ба фишори қуввааш 1 *нютон* ба як метри мураббаъ баробар аст. || Мқс. бар.

**ПАСКА́Л (ПАСКА́ЛЬ)[2],** [англ pascal]. *инф*. Яке аз забонҳои барномасозии компютерӣ. || Мқс. бейсик.

**ПА́СКВИЛ (ПА́СКВИЛЬ)**, [< Pasquino – номи кафшдӯзи римии асри 15, ки бо ҳаҷвҳои нешдори худ ном баровардааст]. Асар ё мақолаи қабеҳи пурбӯҳтон ва таҳқиромез.

**ПАСКВИЛЯ́НТ**, [< *пасквил*]. Пасквилнавис; шахсе, ки навиштани асару мақолаҳои пуртӯҳмату таҳқиромезро ба худ касб кардааст.

**ПА́СО**, [исп. paso]. Воҳиди дарозӣ дар Испания (1,393 м), Бразилия (1,65 м) ва Ливия (1 м).

**ПАСПАРТУ́,** [фр. passe-partout аз ҳама ҷо гузаштан]. **1**. Калиде, ки ба ҳар қуфл рост меояд. **2**. Варақи ғафс барои часпондани суратҳо, *гравюраҳо*.

**ПА́СПОРТ**, [фр. passeport < ит. passaporto иҷозатнома барои даромадан ба бандар]. **1**. Шиноснома; ҳуҷҷати расмие, ки шахсияти шаҳрвандро тасдиқ мекунад. **2**. Ҳуҷҷати иморат, мошин, дастгоҳ, асбоби рӯзгор, мас., яхдон, телевизор ва м. инҳо.

**ПАССА́Ж**, [фр. passage]. **1**. Ду растаи рӯбарӯи болопӯшида, ки дар байнашон роҳрав вуҷуд дорад. **2**. *мус*. Қисми асари мусиқӣ, ки босуръат иҷро карда мешавад. || Мқс. рулада. **3**. Пораи матни китоб, мақола, маърӯза ва ғ. || Мқс. абзатс. **4**. Гузарондани бактерияҳо аз як ҳайвон ба ҳайвони дигар. **5**. Ҳодисаи тасодуфӣ, ғайричашмдошт.

**ПАССАЖИ́Р**, [фр. passager < passer гузаштан]. Мусофир; шахсе, ки савори воситаи нақлиёт ба ҷое меравад (на ронандаи он).

**ПАССА́КАЛЯ (ПАССАКА́ЛЬЯ)**, [исп. passcalle]. **1**. Як навъ рақси кадимии испанӣ. **2**. *мус*. Пйесаи мусиқии мутантан.

**ПАССА́Т**, [ҳол. passaat]. Боди хушке, ки аз минтақаҳои тропикӣ ба тарафи *экватор* мевазад. || Мқс. борей, муссон.

**ПАССАТИ́ЖИ**, [фр. passetige]. Анбури ҳамакор; асбоби дастии дуредгарию челонгарӣ, ки аз анбури сагнӯл, симбурак ва мурваттоб иборат аст.

**ПАССЕИ́ЗМ**, [фр. passeisme < passe гузашта]. *фалс*. Мозигароӣ; муҳаббат ва эҳтироси зиёд ба гузашта, бепарво будан ва ҳатто нафрат доштан ба имрӯз. || Мқс. консерватизм.

**ПАССИ́В**, [лот. passivus нофаъол]. **1**. *мол*. Як қисми тавозуни ҳисобдорӣ (одатан тарафи рости он); манбаъҳои маблағгузории субъекти хоҷагидориро, ки аз рӯи мансубият ва таъйиноташон гурӯҳбандӣ шудаанд, инъикос мекунад; баръакси *актив*. **2**. *мол*. Кам шудани даромадҳои пулии аз хориҷа гирифтаи мамлакат назар ба хароҷоти он дар хориҷа; муқобили *актив*. **3**. *збш*. Шакли мафъули феъл. **4**. *жарг*. *Гомосексуалист* дар нақши зан.

**ПАССИВА́ТСИЯ (ПАССИВА́ЦИЯ)**, [< лот. passivus нофаъол]. Бо пардаи тунуки *оксид* рӯйкаш намудани маснуоти металлӣ бо мақсади занг назадан ва зеботар шудани он.

**ПА́ССИЯ**, [< лот. passio шавқ, рағбат]. Маъшуқа. || Мқс. симпатия.

**ПА́СТА**, [ит. pasta хамир]. Номи умумии моддаҳои хамирмонанд, мас., П.-и дандоншӯӣ.

**ПАСТЕ́Л (ПАСТЕ́ЛЬ)**, [< ит. pasta хамир]. Қаламҳои мулоими ранга, ки аз ранг ва бӯр тайёр карда шудаанд, инчунин суратҳои бо ҳамин гуна қалам кашидашуда.

**ПАСТИЛА́**, [лот. pastillus нон]. Як навъ ҳалво, ки аз меваи бо шакар ҷушондашуда ва сафедии тухм тайёр карда мешавад. || Мқс. зефир.

**ПАСТИЛА́Ж**, [< лот. pastillus нон]. Муҷассамае, ки аз гили пухта сохта шудааст.

**ПАСТИ́ЧЧО**, [ит. pasticcio]. *мус*. Операе, ки мусиқии он аз операҳои пештар эҷодшуда гирифта шудааст ё махсус аз тарафи якчанд оҳангсоз навишта шудааст.

**ПА́СТОР**, [< лот. pastor чӯпон]. Рӯҳонии калисои протестантӣ.

**ПАСТОРА́Л (ПАСТОРА́ЛЬ)**, [< лот. pastoralis чӯпонӣ]. Асари адабӣ ё мусиқие, ки дар он ҳаёти осудаи чӯпонон дар оғӯши табиат васф карда мешавад. ‖ Мқс. идиллия.

**ПАСТОРЕ́Л (ПАСТОРЕ́ЛЬ)**, [< лот. pastoralis чӯпонӣ]. Дар лирикаи *трубадурҳо* - муколамаи *ритсар* бо чӯпондухтар (одатан дар шакли бадеҳа).

**ПА́СХА**, [юн. passha]. **1.** Писҳо; иди асосии динии яҳудиён ва насрониён, ки якшанбеи якуми фасли баҳор, баъди эътидоли шабу рӯз ҷашн гирифта мешавад. **2**. Як навъ кулчаи чорпаҳлӯи ширин, ки насрониён дар иди писҳо мепазанд.

**ПАСЯ́НС (ПАСЬЯ́НС)**, [фр. patience сабр]. Бо тартиби махсус чидани қартаҳо, баъзан бо мақсади фолбинӣ.

**ПАТ**[1], [фр. pat]. Дар шоҳмотбозӣ – пот, қом; ҳолате, ки дар он мухраҳои яке аз ҳарифон ҷои гашт надоранд, лекин ба шоҳи ӯ кишт эълон карда нашудааст; дар ин маврид бозӣ мусовӣ ҳисоб меёбад.

**ПАТ**[2], [фр. pate]. Як аз навъ *мармелад*.

**ПАТЕ́НТ,** [лот. patens кушода, ошкоро]. **1**. Ҳуҷҷате, ки ҳуқуқи ихтироъкорро ба чизи ихтироъкардааш тасдиқ мекунад. **2**. Шаҳодатнома барои машғул шудан бо ягон намуди фаъолият, мас., савдо; П.-и консулӣ – ҳуҷҷате, ки ваколати консулро тасдиқ мекунад; П.-и санитарӣ – шаҳодатнома дар бораи ҳолати санитарии киштӣ ва бандарҳо, ки ба киштиҳои ба хориҷа сафаркунанда дода мешавад.

**ПА́ТЕР**, [< лот. pater падар]. Рӯҳонӣ ё роҳиби католикҳо. ‖ Мқс. аббат, пастор.

**ПАТЕРНАЛИ́ЗМ**, [< лот. pater падар]. **1**. Хурдсолонро ҳимоя ва сарпарастӣ кардани калонсолон. **2**. *иқт.* Дар корхонаҳо – имтиёзу пардохтҳои иловагӣ аз ҳисоби соҳибкорон бо мақсади нигоҳ доштани коргарон, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва ғ. **3**. *сиёс.* Давлатҳои хурд ва заифро зери ҳимоя ва сарпарастӣ гирифтани давлатҳои калон.

**ПАТЕФО́Н**, [< фр. "Pate" – номи ширкат + юн. phone овоз]. Дастгоҳи механикӣ барои шунавондани мусиқӣ, нутқ ва ғ. ба воситаи қарта (*пластинка*); аз тобдиҳандаи қарта ва ҷиҳози садодиҳанда иборат аст. ‖ Мқс. граммофон, электрофон.

**ПА́ТИ**, [англ. party]. Шабнишинӣ; зиёфат ё базми шабона.

**ПА́ТИНА**, [ит. patina]. Пардаи тунуки сабз, бӯрранг ё кабуд, ки бо мурури вақт бо таъсири ҳавои намнок дар рӯи маснуоти мисӣ, биринҷӣ ва латунӣ пайдо мешавад; П. маснуотро аз занг задан муҳофизат мекунад.

**ПА́ТИО**, [исп. patio]. Ҳавличаи дарун дар хонаҳои испаниён.

**ПАТИССО́Н**, [фр. patisson]. Лаъликаду; зироати сабзавотӣ аз ҷинси каду, ки ҳосили тараки онро дар таом истифода мебаранд.

**...ПАТИЯ**, [< юн. patyos ранҷ, беморӣ]. Қисми таркибии калимаҳои мураккаб, ки маъноҳои зеринро ифода мекунад: 1) намудҳои гуногуни беморӣ, мас., *невропатия*; 2) усулҳои табобати бемориҳо, мас., *гомеопатия*.

**ПАТОГЕНЕ́З,** [< юн. patyos ранҷ, беморӣ + genesis пайдоиш]. *тиб*. Фасли *патология*, ки масъалаҳои пайдоиш ва инкишофи бемориҳоро меомӯзад.

**ПАТОГЕНӢ**, [< юн. patyos ранҷ, беморӣ + genos пайдоиш]. *тиб*. Беморизо; микроорганизмҳои П. – микроорганизмҳое, ки боиси бемориҳои одам, ҳайвон ва растаниҳо мегарданд.

**ПАТОЛО́ГИЯ,** [< юн. patyos ранҷ, беморӣ + *...логия*]. **1**. *тиб*. Соҳаи илми тиб, ки пайдоишу ҷараён ва оқибати бемориҳоро меомӯзад. **2**. *маҷ*. Берун аз меъёр, маъюбӣ, ғайритабиӣ, ғайримуқаррарӣ.

**ПАТОЛОГӢ**, [< *патология*]. *тиб*. Анатомияи П. – соҳаи тиб, ки сабабҳо ва ҷараёни инкишофи бемориҳоро меомӯзад; физиологияи П. – соҳаи тиб, ки қонуниятҳои пайдоиш, ҷараён ва оқибати бемориҳоро меомӯзад.

**ПАТОЛОГОАНА́ТОМ,** [< *патология* + *анатомия*]. Ниг. *прозектор*.

**ПАТОПСИХОЛО́ГИЯ**, [< *патология* + *психология*]. Соҳаи *психология* (равоншиносӣ), ки қонуниятҳои ихтилоли фаъолияти рӯҳиро меомӯзад; бо *психиатрия* робитаи зич дорад.

**ПАТРИА́РХ**, [< юн. pater падар + arche ҳокимият]. **1**. Қабиласолор; сардори қабила, қавм. **2**. Мансаби олии динӣ, саррӯҳонии калисои насронӣ. || Мқс. Папа. **3**. *маҷ*. Шахси куҳансоли обруманд; намояндаи куҳансоли ягон намуди фаъолият, мас., илм, санъат, тиб.

**ПАТРИАРХА́Т**, [< *патриарх*]. Падаршоҳӣ, падарсолорӣ; мардсолорӣ; давраи охири ҷамъияти ибтидоӣ (баъди давраи модаршоҳӣ), ки дар он мард сардори оила ҳисоб меёфт ва дар оила ва ҷамъият нақши асосӣ мебозид; дар давраи П. шаҷара аз решаҳои падарӣ ҳисоб карда мешуд. || Мқс. матриархат.

**ПАТРИА́РХИ́Я**, [< *патриарх*]. Вилояти тобеи калисо, ки онро *патриарх* (маънои 2) идора мекунад.

**ПАТРИМОНИАЛӢ**, [лот. patrimonialis]. Қабилавӣ, қавмӣ, меросӣ.

**ПАТРИМОНИЙ, ПАТРИМОНИУМ,** [лот. patrimonium]. Молу мулки қабилавӣ, қавмӣ, меросӣ.

**ПАТРИО́Т,** [< юн. patriotes ҳамшаҳрӣ, ҳамватан]. **1**. Ватандӯст, ватанпарвар. **2.** *маҷ*. Шахсе, ки ба ягон кор ё пеша содиқ аст, ягон чизро сахт дӯст медорад, мас., П.-и корхона.

**ПАТРИОТИ́ЗМ**, [< *патриот*]. Ватандӯстӣ, ватанпарварӣ.

**ПАТРИ́СТИКА**, [< юн. pater падар]. Асарҳои мутафаккирони насронӣ (ба истилоҳ «падарони калисо») дар асрҳои 2 - 8, ки дар онҳо асосҳои фиқҳ ва фалсафаи насронӣ баён гардидаанд. || Мқс. патрология.

**ПАТРИСИА́Т (ПАТРИЦИА́Т)**, [лот. patriciatis]. **1**. Аъёну ашрофи қавмӣ дар Рими Қадим. **2**. Табақаи нисбатан доро ва соҳибимтиёзи аҳолӣ дар шаҳрҳои асримиёнагии Аврупои Ғарбӣ.

**ПАТРИ́ТСИЙ (ПАТРИ́ЦИЙ)**, [лот. patricius]. **1**. Дар Рими Қадим – намояндаи табақаи ашроф. **2**. Дар Аврупои асрҳои миёна – аъёну ашрофи шаҳрӣ (асосан тоҷирону савдогарон).

**ПАТРОЛО́ГИЯ,** [< юн. pater падар + *...логия*]. Фасли фиқҳ, ки тарҷимаи ҳол ва асарҳои «падарони калисо»-ро меомӯзад.

**ПАТРОН**[1], [фр. patron қолаб]. **1**. Тир якҷоя бо дору ва пистон дар даруни *гилза*, мас., П.-и милтиқ. **2**. Намуна (андоза, қолаб) дар либосдӯзӣ, пойафзолдӯзӣ ва ғ. **3**. Олати электрӣ, ки ба даруни он фурӯзонак (лампочка)-ро тоб дода медароранд. **4**. Дар дастгоҳи харротӣ – шиканҷа барои сахт дошта истодани ашёи тарошидашаванда ё асбоби тарошанда.

**ПАТРОН**[2], [лот. patronus ҳомӣ]. **1**. *таър*. Дар Рими Қадим – шахси асилзода, ки шахсони камбизоат, нопурраҳуқуқ ва аз ғуломӣ озодшударо ба ҳимояи худ мегирифт. **2**. Умуман ҳомӣ, сарпараст. **3**. Сардори ширкат, корхона ва ғ. || Мқс. босс, шеф.

**ПАТРОНА́Ж,** [фр. patronage сарпарастӣ]. **1**. Хизматрасонии муташаккилонаи тиббӣ ба занҳои ҳомила, кӯдакони хурдсол, баъзе категорияҳои беморони барҷомонда бевосита дар хонаашон. **2**. Дар баъзе мамлакатҳо ҳимояи ҳуқуқии манфиатҳои шахсӣ ва молумулкии шаҳрвандони болиғи қобили меҳнат, ки аз сабаби бад будани саломатиашон мустақилона ҳуқуқҳояшонро ҳимоя ва вазифаҳояшонро иҷро кардан наметавонанд. **3**. Умуман сарпарастӣ, ҳимоят, пуштибонӣ.

**ПАТРОНА́Т,** [фр. patronat сарпарастӣ]. **1**. *таър*. Дар Рими Қадим – шахсони бенавою нопурраҳуқуқро ҳимоя ва сарпарастӣ кардани ашрофу асилзодагон (*патронҳо*), ки дар натиҷа онҳо мутеу фармонбардори ҳомиёни худ шуда мемонданд. **2**. Дар баъзе мамлакатҳо – шакли тарбияи кӯдакони ятим дар оила мувофиқи шартнома бо мақомоти тандурустӣ, маориф ва ғ. **3**. Умуман сарпарастӣ, ҳимоят, пуштибонӣ.

**ПАТРОНЕ́ССА**, [< лот. patronus ҳомӣ]. Бонуи доро ва обруманде, ки ба ягон ташкилоти эҳсонкор сарпарастӣ мекунад.

**ПАТРОНТА́Ш**, [< ол. Patron патрон + Tasche халта]. Тирдони милтиқ.

**ПАТРУ́Л (ПАТРУ́ЛЬ)**, [ол. Patrol]. Дастаи хурди одамони мусаллаҳ, автомобили махсус, киштӣ, чархбол ё ҳавопаймои ҳарбӣ, ки барои муоинаи маҳал, ҷустуҷӯи касе ё чизе, инчунин барои нигоҳ доштани тартибот бо хатсайри муайян ҳаракат мекунад.

**ПА́УЗА**, [лот. pausa таваққуф]. **1**. Танаффуси кӯтоҳ дар нутқ, кор ё ягон амали дигар. **2**. *мус.* Таваққуф дар сурудан ё навохтани асари мусиқӣ ва нотае, ки чунин таваққуфро ифода мекунад.

**ПА́УНДАЛ (ПА́УНДАЛЬ)**, [англ. poundal]. Воҳиди англисии қувва, ки ба 0,138 *нютон* баробар аст.

**ПА́УПЕР**, [лот. pauper]. Одами қашшоқ, бенаво. || Мқс. люмпен.

**ПАУПЕРИЗА́ТСИЯ (ПАУПЕРИЗА́ЦИЯ)**, [< лот. pauper]. *иқт.* Раванди қашшоқшавии оммавии аҳолӣ.

**ПАУПЕРИ́ЗМ**, [< лот. pauper]. *иқт.* Қашшоқии оммавӣ дар натиҷаи бекорӣ, буҳрони иқтисодӣ ва ғ.

**ПАУШАЛӢ**, [ол. pauschal]. *мол.* Пурра, умумӣ, яклухт; пардохт (маблағ)-и П. – пардохт (маблағ)-и умумӣ бе ҷудо кардани қисмҳои таркибии он, мас., маблағи умумии пардохт барои мол.

**ПАУЭРЛИ́ФТИНГ,** [англ. powerlifting]. *варз.* Сеҳарбаи вазнин – бардоштани *штанга* дар ҳолати рост истодан, ба пушт хобидан ва бо китфон бардошта, нишастану хестан.

**ПА́ФОС**, [< юн. pathos эҳтирос]. **1.** Ҳаяҷон, эҳтирос, рӯҳбаландӣ, тантана. **2**. Ғояи асосӣ.

**ПАХИБРОНХИ́Т**, [юн., лот. pachybronchitis]. *тиб.* Ғафсшавии *бронхҳо* ҳангоми *бронхити* музмин.

**ПАХИВАГИНАЛИ́Т**, [юн., лот. pachyvaginalitis]. *тиб.* Варам карда ғафс шудани пардаи маҳбал.

**ПАХИВАГИНИ́Т**, [юн., лот. pachyvaginitis]. *тиб.* Газак гирифта ғафс шудани деворҳои маҳбал.

**ПАХИГЛОССИ́Я**, [юн., лот. pachydlossia]. *тиб.* Ғафс шудани забон.

**ПАХИВАДАКТИ́ЛИЯ**, [юн., лот. pachydactylia]. *тиб.* Ғафс шудани ангуштон.

**ПАХИДЕРМИ́Я**, [юн., лот. pachydermia]. *тиб.* Ғафсшавии пӯст ё луобпарда дар натиҷаи илтиҳоби музмин ё ангезишҳои давомнок.

**ПАХИМЕНИНГИ́Т**, [юн., лот. pachymeningitis]. *тиб.* Газаки пардаи сахти мағзи сар.

**ПАТСИЕ́НТ (ПАЦИЕ́НТ)**, [лот. patiens]. Беморе, ки ба вай ёрии тиббӣ расонда мешавад ё таҳти муоина ва мушоҳидаи духтур қарор дорад.

**ПАТСИФИ́ЗМ (ПАЦИФИ́ЗМ)**, [лот. pacificus сулҳовар]. Ҷаҳонбиние, ки ҳама гуна ҷангҳо, аз ҷумла ҷангҳои озодихоҳӣ ва инқилобиро маҳкум мекунад.

**ПАТСИФИКА́ТСИЯ (ПАЦИФИКА́ЦИЯ)**, [лот. pacification ором кардан]. Бо зӯрӣ пахш кардани исёни мардум ё ҳаракати миллии озодихоҳӣ.

**ПАШТЕ́Т,** [пол. pasztet]. Хӯроке, ки аз гӯшт, ҷигар ё моҳии судаи хамирашуда тайёр мекунанд, инчунин самбӯсае, ки бо ҳамин гуна хамира пухта шудааст.

**ПАЯ́ТС (ПАЯ́Ц)**, [ит. pagliaccio]. Масхарабоз, ширинкор.

**ПЕА́Н**, [юн. paian]. **1**. Дар Юнони Қадим – муноҷот ба худо Аполлон (бо шеър ё суруд). **2.** *адш*. Мадҳия.

**ПЕГА́С**, [юн. Pegasos < pege манбаъ, сарчашма]. **1**. Дар асотири юнониёни қадим – аспи болдори Зевс; дар кӯҳи Геликон аз зарбаи сумаш чашмае пайдо шуд, ки оби он манбаи илҳоми шоирон гардид. **2**. *маҷ*. Рамзи илҳоми шоирона. **3**. *астр*. Фарас; галаситораи нимкураи шимолии осмон.

**ПЕГМАТИ́Т**, [< юн. pegma (pegmatos) сахт часпида]. *геол*. Ҷинси кӯҳии тафтавии (магмагии) калондона, ки таркибаш аз *квартс*, шпати саҳроӣ, абрақ ва минералҳои дигар иборат аст.

**ПЕДАГО́Г**, [< юн. pais (paidos) кӯдак, тифл + ago тарбия мекунам]. **1**. Дар Юнони Қадим – ғуломе, ки кӯдаконро ба мактаб мебурд ва аз мактаб меовард. **2**. Омӯзгор, муаллим, мураббӣ, тарбиятгар; шахсе, ки ба таълиму тарбияи кӯдакону ҷавонон машғул аст. **3**. Мутахассиси *педагогика*; олиме, ки масъалаҳои таълиму тадриси ин ё он фанро таҳқиқ мекунад.

**ПЕДАГО́ГИКА**, [юн. paidagogike]. Илми таълиму тарбия.

**ПЕДА́Л (ПЕДА́ЛЬ)**, [фр. pedale < лот. pes (pedis) пой]. **1**. Фишанг дар дастгоҳ, олат, воситаҳои нақлиёт, асбобҳои мусиқӣ ва м. инҳо, ки бо фишори пой ба кор даровarда мешавад.

**ПЕДА́НТ**, [ит. pedante < юн. paidagogos мураббӣ, муаллим]. **1**. Одами аз ҳад зиёд расмиятпараст, хурдагир. **2**. Одами пухтакор, дақиқкор, покизакор, нисбати кори худ ва дигарон ниҳоят серталаб ва нуктагир; баръакси ҳатӯлкор, чалакор.

**ПЕДАНТИ́ЗМ**, [< *педант* + пасв. -*изм*]. Расмиятпарастии аз ҳад зиёд, хурдагирӣ, нуктагирӣ.

**ПЕДЕРА́СТИЯ**, [< юн. pais (paidos) писарбача + erasteo дӯст медорам]. Алоқаи ҷинсии мард бо мард. || Мқс. гомосексуализм, педофилия.

**ПЕДИА́ТР**, [< юн. pais (paidos) писарбача + iatreia муолиҷа]. Духтури кӯдакон; мутахассиси *педиатрия*.

**ПЕДИАТРИ́Я**, [< юн. pais (paidos) писарбача + iatreia муолиҷа]. Соҳаи тиб, ки хусусиятҳои анатомию физиологии организми кӯдакон, сабабҳои бемориҳои кӯдакон ва роҳҳои пешгирию табобати онҳоро меомӯзад.

**ПЕДИКЕ́Б**, [англ. pedicab]. Велосипедароба; аробаи мусофиркаш, ки бо ёрии велосипед ҳаракат мекунад. || Мқс. рикша.

**ПЕДИКУЛЁЗ**, [лот. pediculus шабуш]. *тиб*. Шабушкинӣ; бемории пӯст, ки онро шабушҳои сар, либос ё зери ноф ба вуҷуд меоранд.

**ПЕДИКЮ́Р**, [фр. pedicure < лот. pes (pedis) пой + cura нигоҳубин]. Нигоҳубин ва ороиши нохунҳои пой, буридани обилаҳои пой.

**ПЕДОГЕНЕ́З**, [< юн. pais (paidos) кӯдак + genesis пайдоиш]. *биол.* Усули инкишофи як гурӯҳ ҳайвонҳои бемуҳра, ки дар кирминаи онҳо ҳуҷайратухми бордорнашуда инкишоф ёфта, ба насли нав ибтидо мегузорад; як шакли *партеногенез*.

**ПЕДОЛО́ГИЯ**, [< юн. pais (paidos) кӯдак + *...логия*]. Илми атфолшиносӣ; маҷмуи ақидаҳо оид ба тарбияи мувофиқ ва шоистаи кӯдакон дар асоси хусусиятҳои биологӣ, психологӣ ва сотсиологии инкишофи кӯдак.

**ПЕДОСЕНТРИ́ЗМ (ПЕДОЦЕНТРИ́ЗМ)**, [< юн. pais (paidos) кӯдак + centrum марказ]. Равияи педагогие, ки таълиму тарбияи бонизоми кӯдаконро аз рӯи барномаҳои таълимии пешакӣ таҳияшуда рад намуда, талаб мекунад, ки бо кӯдакон танҳо мувофиқи майлу хоҳишашон машғулиятҳо гузаронда шаванд.

**ПЕДОТРИ́Б**, [< юн. pais (paidos) кӯдак + tribo машқ медиҳам]. Муаллими тарбияи ҷисмонӣ (*гимнастика*) дар мактабҳои Афинаи Қадим.

**ПЕДОФИЛИ́Я**, [< юн. pais (paidos) кӯдак + *...филия*]. Навъи фосиқии ҷинсӣ; бачабозӣ; майли шаҳвонӣ ба кӯдакон.

**ПЕЙЗА́Ж**, [фр. paysage < pays маҳал, мамлакат]. **1**. Манзараи табиат; намуди маҳал. || Мқс. ландшафт. **2**. Тасвири табиат дар асарҳои бадеӣ, рассомӣ, *фотографӣ* ва ғ.

**ПЕЙНТБО́Л**, [англ. paintball]. *варз.* Бозии варзишие, ки дар он бозигарони як даста кӯшиш мекунанд бозигарони дастаи ҳарифро бо пуфакчаҳои махсуси рангдор "паррононанд".

**ПЕ́ЙҶЕР (ПЕ́ЙДЖЕР)**, [англ. pager]. Асбоби хурди бесим барои қабул ва сабти хабарҳо.

**ПЕ́ЙҶИНГ (ПЕ́ЙДЖИНГ)**, [англ. paging]. Алоқа бо ёрии *пейҷерҳо*.

**ПЕК**, [ҳол. pek]. Моддаи сахт ё часпаки зуд сахтшаванда, ки баъди софкорӣ кардани қатрони нафт, ангишт ва ғ. боқӣ мемонад; дар истеҳсоли *электрод*, лок, *рубероид, тол* ва м. инҳо истифода мешавад.

**ПЕКА́Н**, [англ. pecane < ҳинд. Ам.]. Дарахте аз оилаи чормағзҳо, ки бештар дар Амрикои Шимолӣ, Қрим ва Кавказ мерӯяд; меваҳои (чормағзҳои) хӯрданбоби он то 70% равған доранд.

**ПЕКИНЕ́С**, [хит.]. Саги пекинӣ; зоти сагҳои хурди хонагии ғалча ва ниҳоят чусту чолок.

**ПЕКТИ́НҲО**, [< юн. pektos лахтшуда]. *хим.* Гурӯҳи пайвастҳои органикӣ, *полисахаридҳое*, ки дар таркиби мева, баргу поя ва бехмеваи наботот ба миқдори зиёд вуҷуд доранд; П.-ро дар саноати қаннодӣ чун моддаи лахткунанда, инчунин дар тиб барои муолиҷаи бемориҳои гуногун, мас., бемориҳои меъда истифода мебаранд.

**ПЕКУ́ЛИЙ**, [< лот. peculium моликият]. *таър.* Дар Рими Қадим – молу мулки манқул ва ғайриманқул, ки ғуломдор бо шартҳои муайян барои истифода бурдан ба писарон ё ғуломонаш медод, лекин ҳуқуқи соҳибиашро ба ин молу мулк нигоҳ медошт.

**ПЕЛАГИА́Л (ПЕЛАГИА́ЛЬ)**, [< юн. pelagos баҳр]. *биол.* Қабати мобайн ва болои оби уқёнус, баҳр ва кӯл, ки муҳити зисти организмҳо ба шумор меравад. || Мқс. абиссал.

**ПЕЛАМИ́ДА**, [< юн. pelagos баҳр]. *зоол.* **1**. Хазандае аз оилаи морҳои баҳрӣ. **2**. Як навъ моҳии сайдбоб аз оилаи аломоҳиҳо; дарозиаш то 1 м.

**ПЕЛАРГО́НИЯ**, [< юн. pelargos лаклак]. *бот.* Растании бисёрсола аз оилаи *геранҳо*, ки аз он равғани хушбӯи эфир ҳосил мекунанд; меваваш ба нӯли лаклак монанд аст ва номаш аз ҳамин ҷост.

**ПЕ́ЛЕНГ[1]**, [ҳол. peiling]. Ниг. *азимут.*

**ПЕ́ЛЕНГ[2]**, [ҳол. peiling]. Як навъ сафи ҷангии ҳавопаймоҳо ва киштиҳои ҳарбӣ.

**ПЕЛЕНГА́ТОР**, [< *пеленг*]. Асбоб дар баҳрнавардӣ ва ҳавонавардӣ барои муайян кардани самтҳои кунҷӣ нисбат ба объектҳои беруна (объектҳои соҳилӣ ё шинокунанда, ҷирмҳои осмонӣ); бо ёрии П. мавқеи ҳавопайморо дар ҳаво ва киштиро дар баҳр, инчунин ҷои пахши сигналҳои радиоро (*радиопередатчикҳоро*) муайян кардан мумкин аст. || Мқс. локатор, радар.

**ПЕЛЕНГА́ТСИЯ (ПЕЛЕНГА́ЦИЯ)**, [< *пеленг*]. Муайян кардани самт нисбат ба ягон объект; аз ҳисоб кардани координатаҳои кунҷии объект иборат мебошад; бо усулҳои оптикӣ, радиотехникӣ, акустикӣ ва ғ. ҳисоб карда мешавад; П. барои муайян кардани мавқеъ ва самти ҳаракати объектҳои рӯизаминӣ, баҳрӣ, ҳавоӣ ва кайҳонӣ имконият медиҳад.

**ПЕЛЕРИ́НА**, [фр. pelerine]. Китфпӯшак; либоси занонаи кӯтоҳи беостин, ки занҳо ба китф мепартоянд.

**ПЕЛИКА́Н**, [юн. pelekan]. Мурғи саққо.

**ПЕЛЛА́ГРА**, [< ит. pelle agra пӯсти шахшӯл]. *тиб.* Беморие, ки аз нарасидани кислотаи никотин ва баъзе витаминҳои дигари гурӯҳи B дар организм пайдо мешавад; аломатҳояш: газаки пӯст (*дерматит*), вайроншавии кори меъдаю рӯда (дарунравӣ, қай), ихтилоли рӯҳӣ (камақлӣ).

**ПЕЛЛИ́КУЛА**, [лот. pellicula]. *биол.* **1**. Пӯсти тунуки пардамонанди тухми растаниҳо. **2**. Пардаи бадани баъзе организмҳои якҳуҷайра.

**ПЕЛОИДОТЕРАПИ́Я**, [< юн. pelos лой + ...*терапия*]. *тиб.* Лойдармонӣ; гилдармонӣ; табобати баъзе бемориҳо бо гил, лойқаи гарм, *торф, озокерит, парафин* ва м. инҳо.

**ПЕЛОТЕРАПИ́Я**, [< юн. pelos лой + ...*терапия*]. Ниг. *пелоидотерапия.*

**ПЕ́МЗА**, [< лот. pumex кафк]. Санги ҷилбур; ҷинси кӯҳии ковоку сабуки вулқонӣ, ки дар тайёр кардани пемзобетон, барои суфта кардан ва сайқал додани маснуоти гуногун истифода мешавад.

**ПЕ́МФИГУС**, [< юн. pemphix пуфак]. *тиб.* Обакон; бемории вазнини пӯст ва луобпардаҳо, ки ҳангоми он дар рӯи пӯст ва луобпардаҳо пуфакчаҳои обдор пайдо мешаванд. ‖ Мқс. дерматит, дерматоз.

**ПЕНА́Л**, [< лот. penna пар (перо)]. Қаламдон; қуттичаи дарозрӯя барои нигоҳ доштани қалам, ручка ва м. инҳо.

**ПЕНА́ЛТИ (ПЕНА́ЛЬТИ)**, [англ. penalty ҷазо]. Дар футбол – зарбаи ҷаримавӣ ба дарвозаи ҳариф аз масофаи 11 метр.

**ПЕНЕЛО́ПА**, [юн. Penelope]. Зани қаҳрамони ҷанги Троя Одиссей; П. дар давоми 20 соли дар ҷанг будани шавҳараш ӯро бовафоёна интизор шудааст; образи П. чун рамзи вафодории зан ба шавҳар ба адабиёт дохил гардидааст.

**ПЕНЕПЛЕ́Н**, [фр. peneplaine қариб ҳамворӣ]. *геол.* Қитъаи калони каму беш ҳамворшудаи замин, ки дар натиҷаи бодлесшавии ҷинсҳои кӯҳӣ ва кӯчиши чангу хок аз баландиҳо ба пастхамию чуқуриҳо (*денудатсия*) ба вуҷуд омадааст.

**ПЕ́НИС**, [лот. penis]. *анат.* Узви таносули мард. ‖ Мқс. фаллос.

**ПЕНИТЕНСИА́РИЙ (ПЕНИТЕНЦИА́РИЙ)**, [< лот. poenitentia тавба]. Маҳбас, ҳабсхона; муассисаи ислоҳи меҳнатӣ.

**ПЕНИТСИ́ЛЛ (ПЕНИЦИ́ЛЛ),** [лот. Penicilli]. Ҷинси занбурӯғҳои номукаммал (тақр. 250 намуд); дар шакли мағор дар рӯи маҳсулоти хӯрокворӣ пайдо шуда, онро вайрон мекунад; П. дар саноати панирпазӣ истифода мешавад, аз он инчунин *пенитсиллин* ва *антибиотикҳои* диг. ҳосил мекунанд.

**ПЕНИТСИЛЛИ́Н (ПЕНИЦИЛЛИ́Н)**, [лот. Penicillinum]. *Антибиотике*, ки *пенитсиллҳо* ба вуҷуд меоранд; с. 1929 микробиологи англис А. Флеминг кашф намудааст; П. чун дору барои муолиҷаи газаки шуш (*пневмония*), сироятҳои фасоднок ва ғ. истифода мешавад; П.-ро ба таври сунъӣ ва нимсунъӣ низ ҳосил мекунанд.

**ПЕНИТСИЛЛИНА́ЗА (ПЕНИЦИЛЛИНА́ЗА)**, [< *пенитсиллин*]. *Ферменте*, ки *пенитсиллинро* ба моддаҳои ғайрифаъол ҷудо намуда, хусусиятҳои табобатии онро нест мекунад; П.-ро микробҳое ба вуҷуд меоранд, ки ба таъсири *антибиотикҳои* пенитсиллинӣ тобовар гардидаанд.

**ПЕН-КЛУ́Б**, [англ. Pen-Club < Pen – аз ҳарфҳои аввали: poets шоирон, essayists очеркнависон, мунаққидон, novellists насрнависон + Club маҳфил]. Иттиҳодияи байналмилалии нависандагон, ки с. 1921 нависандагони англис Ҷ. Голсуорси ва К. Э. Даусон-Скотт таъсис намудаанд, инчунин шуъбаҳои миллии ин ташкилот.

**ПЕ́ННИ**, [англ. penny, фин. penni]. **1**. Ниг. *пенс*. **2**. Тангаи Финляндия, ки ба 1/100 маркаи финнӣ баробар аст.

**ПЕНОБЕТО́Н,** [< рус. пена кафк + *бетон*]. Я навъ *бетони* ковок, ки аз худ гармиро суст мегузаронад; дар сохтмон истифода мебаранд.

**ПЕНОЛО́ГИЯ,** [< лот. poena ҷазо + *...логия*]. *ҳуқ*. Дар ҳуқуқи баъзе давлатҳо – ҷазошиносӣ; илм дар бораи ҷазо.

**ПЕНОПЛА́СТ**, [< рус. пена кафк + *пластмасса*]. *Пластмассаи* ковоку сабуки бо газ пуршуда; гармӣ, овоз, об ва ҷараёни электрро намегузаронад; дар соҳаҳои гуногун истифода мешавад.

**ПЕНС**, [англ. pence шакли ҷамъи *пенни*]. Тангаи Британияи Кабир, ки ба 1/100 фунт стерлинг ва тангаи Ирландия, ки ба 1/100 фунти ирландӣ баробар аст.

**ПЕНСНЕ́,** [фр. pinse-nez < pinser фишурдан + nez бинӣ]. Айнаки бегӯшак, ки бо ёрии *пружина* (фанар) ба бинӣ часпида меистад. || Мқс. лорнет.

**ПЕНТА**..., [< юн. pente панҷ]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «панҷ», мас., *пентаграмма*.

**ПЕНТАГО́Н,** [юн. pentagonon]. **1**. *геом*. Панҷкунҷа. **2**. Вазорати мудофиаи ИМА; дар наздикии Вашингтон дар иморати панҷкунҷа ҷойгир шудааст ва номаш аз ҳамин ҷост.

**ПЕНТАГРА́ММА**, [< *пента* + *...грамма*]. **1**. *геом*. Панҷкунҷае, ки дар тарафҳои он секунҷаҳои баробарпаҳлу кашида шудаанд. **2**. Дар асрҳои миёна – нишони сеҳрноке, ки дар тӯморҳо тасвир карда мешуд.

**ПЕНТА́Н**, [< *пента*]. *хим*. Пайвасти органикии қатори *алифатӣ*, *карбогидриди* сер; дар таркиби бензин, конденсатҳои аз гази табиӣ ҷудошуда, нафт, қатрон вуҷуд дорад; асосан чун моддаи ҳалкунанда истифода мешавад.

**ПЕНТАТЛО́Н**, [< *пента* + athlon мусобиқа]. *варз*. Панҷҳарба; мусобиқаи варзишие, ки аз панҷ намуди варзиш иборат аст: аспдавонӣ бо гузаштан аз монеаҳо, шамшербозӣ, тирпарронӣ бо таппонча, шиноварӣ ва давидан. || Мқс. биатлон.

**ПЕНТАТО́НИКА**, [< *пента* + *тоника*]. *мус*. Системаи овозҳо, ки асоси онро панҷ овози баландиашон гуногуни доираи *октава* ташкил медиҳад.

**ПЕНТАХО́РД**, [< *пента* + chorde тор]. *мус*. Қаторовози панҷдараҷагӣ (дар *квинта*). || Мқс. гексахорд.

**ПЕНТАЭ́ДР**, [< *пента*... + hedra тараф, паҳлу, қирра]. *геом*. Панҷқирра, панҷпаҳлӯ. || Мқс. гексаэдр.

**ПЕНТАЭРИТРИ́Т**, [< *пента* + *эритрит*]. *хим*. Пайвасти органикӣ, спирти панҷатома; бо усули синтетикӣ ба даст меоранд; дар истеҳсоли зифтҳои синтетикӣ ва моддаҳои тарканда истифода мешавад.

**ПЕНТЛАНДИ́Т**, [аз номи табиатшиноси англис Ҷ. Пентланд (1797 – 1873)]. *маъд.* Минерал, пайвасти оҳан, никел, олтингӯгирд, рангаш зарди биринҷӣ; қисми таркибии маъданҳои мису никел ба шумор меравад.

**ПЕНТО́Д**, [< *пента* + *электрод*]. Чароғи (*лампаи*) электронии дорои панҷ *электрод* (*анод, катод* ва се тӯр); барои афзудани шиддат, тавоноӣ ва ҳосил намудани лаппишҳои электрии басомадашон то садҳо *мегагертс* истифода мешавад. || Мқс. диод, триод.

**ПЕНТО́ЗҲО**, [< юн. pente панҷ]. *хим. Моносахаридҳое*, ки молекулаашон дорои панҷ атоми карбон мебошад; дар организмҳои зинда чи дар шакли озод ва чи дар таркиби *дисахаридҳо* ва *полисахаридҳо* вуҷуд доранд.

**ПЕНТХА́УС**, [англ. peinhouse]. Хона (*квартира*)-и зебои ҳозиразамон дар боми иморатҳои осмонбӯс.

**ПЕН-СЕ́НТР (ПЕН-ЦЕ́НТР)**, [англ. Pen-Centr < Pen – аз ҳарфҳои аввали: poets шоирон, essayists очеркнависон, мунаққидон, novellists насрнависон + Centr марказ]. Иттиҳодияи ихтиёрии ҷамъиятии нависандагону журналистони ин ё он мамлакат, ки узви *пен-клуби* байналмилалӣ мебошад.

**ПЕНЮА́Р (ПЕНЬЮА́Р)**, [фр. peingnoir]. **1**. Як навъ куртаи саҳарпӯшаки занона аз матои нафис. **2**. Китфпӯш, пешгирак; порчаи матоъ, ки дар вақти сартарошӣ ё ороиши мӯй бо он китфи мизоҷро мепӯшонанд.

**ПЕ́НЯ**, [< лот. poena ҷазо]. Ҷарима барои сари вақт иҷро накардани корҳо ё ӯҳдадориҳои пардохтии бо қонун ё бо шартнома муқарраршуда; бо фоиз барои ҳар як рӯзи таъхири иҷрои кор ё пардохт ситонида мешавад.

**ПЕОН[1]**, [< исп. peon деҳқон]. Дар мамлакатҳои Амрикои Лотинӣ – деҳқоне, ки қарзҳои калон онҳоро гирифтори ғуломӣ кардаанд.

**ПЕОН[2]**, [< юн. paian салавот ба худо Аполлон]. Дар назми атиқа – рукни чорҳиҷоии шеър.

**ПЕПИНЙЕ́РКА (ПЕПИНЬЕ́РКА),** [< фр. pepiniere парваришгоҳ]. *таър*. Дар Россияи тоинқилобӣ – духтаре, ки мактаби миёнаи пӯшидаро хатм намуда, барои таҷрибаомӯзӣ дар ҳамин мактаб мононда шудааст.

**ПЕ́ПСИ-КО́ЛА**, [англ. pepsi-cola]. Нӯшокии машҳури ташнагишикани амрикоӣ, ки аз қиёми меваи *кола* тайёр карда мешавад, инчунин ширкате, ки *консентрати* чунин нӯшокӣ ва нӯшокиҳои дигари ташнагишиканро истеҳсол менамояд. || Мқс. кока-кола.

**ПЕПСИ́Н**, [< юн. pepsis ҳазми хӯрок]. *тиб*. *Ферманти* шираи меъда аз гурӯҳи *протеазҳо*; сафедаро таҷзия мекунад.

**ПЕПТИ́ДҲО**, [< юн. peptos ҳазмшуда, пухташуда]. *биол*. Моддаҳои органикие, ки аз боқимондаҳои аминокислотаҳои якхела ё гуногуни бо банди пептидӣ пайваст иборат мебошанд.

**ПЕПТО́НҲО**, [< юн. peptos ҳазмшуда, пухташуда]. *хим., физиол.* Маҳсули таҷзияи сафедаҳо, ки ҳангоми ҳазми хӯрок бо таъсири *протеазҳо* ҳосил мешавад.

**ПЕРВЕ́РСИЯ**, [лот. perversio]. *тиб.* Фисқи шаҳвонӣ; муносибати ҷинсии ношоям; алоқаи ҷинсии ғайримаъмулӣ, мас., *педофилия, мазохизм.*

**ПЕРВИГИ́ЛИЙ**, [лот. pervigilium бедоршабӣ]. Базми шабона ба шарафи худоҳо дар Юнони Қадим ва Рими Қадим.

**ПЕРГА́МЕН**, [< юн. pergamenos < Pergamos ш. Пергам дар Осиёи Сағир]. Ниг. *пергамент* (маънои 2).

**ПЕРГА́МЕНТ**, [< юн. pergamenos < Pergamos ш. Пергам дар Осиёи Сағир]. **1**. Пӯсти бо усули махсус даббоғишудаи ҳайвонот; барои сохтани асбобҳои мусиқӣ (мас., нақора, даф ва ғ.), баъзе қисмҳои мошину дастгоҳҳо ва ғ. истифода мешавад; то ихтирои коғаз барои хатнависӣ истифода мебурданд. **2.** Дастхати қадими дар чунин пӯст навишташуда. || Мқс. манускрипт, папирус. **3**. Навъи коғаз, ки об ва равғанро намегузаронад.

**ПЕРГАМИ́Н**, [< *пергамент*]. **1**. Коғази нафиси бадошт барои тайёр кардани *калка* (ниг. *калка*, маънои 1) ва масолеҳи бастапечонӣ. **2**. Масолеҳи изолятсионӣ ва бомпӯшии лӯлапеч, ки бо роҳи тар намудани *картони* тунуки бомпӯшӣ дар қир (*битум*) тайёр мекунанд. || Мқс. рубероид, тол.

**ПЕРГИДРО́Л (ПЕРГИДРО́ЛЬ),** [< лот. per зиёда аз + ghydor об]. Маҳлули обакии сифоизаи туршии обзо (перекиси водород).

**ПЕ́РГОЛА,** [ит. pergola]. Чавкандии атрофаш бо баргу навдаҳои растанӣ иҳоташуда; одатан дар боғҳо барои панаҳ бурдан аз тасфи офтоб сохта мешавад.

**ПЕРЕДА́ТЧИК**, [< рус. передать додан]. Радиопередатчик – асбоби радиотехникӣ, ки сигал, хабар, садо, аксро мефиристад.

**ПЕРИ**..., [< юн. peri дар атрофи, дар назди]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки ба чизе наздик будан, дар атрофи чизе буданро ифода мекунад, мас., *периартрит.*

**ПЕРИАРТЕРИИ́Т,** [< *пери... + артерия*]. *тиб.* Варами шоҳраг (*артерия*). || Мқс. артериит.

**ПЕРИАРТРИ́Т,** [< *пери... + артрит*]. *тиб.* Газаки бофтаҳои назди буғумҳои калон. || Мқс. артрит, артроз, подагра.

**ПЕРИА́СТР**, [< *пери...* + astron ситора]. *астр.* Нуқтаи ба ситораи асосӣ наздиктарини мадори ситораи ҳамрадиф; баръакси *апоастр.*

**ПЕРИГЕ́Й**, [< *пери...* + ge Замин]. *астр.* Нуқтаи ба маркази Замин наздиктарини мадори Моҳ ё радифи маснуи Замин; баръакси *апогей.*

**ПЕРИГЕ́ЛИЙ**, [< *пери...* + helios Офтоб]. *астр.* Нуқтаи ба Офтоб наздиктарини ҷирми осмонӣ, ки дар атрофи он давр мезанад; баръакси *афелий.* || Мқс. периастр, перигей.

**ПЕРИДЕ́РМА**, [< *пери...* + derma пӯст]. *бот.* Бофтаи рӯйпӯши поя, реша, решапоя ва бехи растаниҳои бисёрсола; аз пӯк (*феллема*), *феллодерма* (бофтаи дохилӣ) ва *феллоген* иборат аст.

**ПЕРИДО́Т**, [фр. peridot]. *маъд.* Ниг. *оливин.*

**ПЕРИДОТИ́Т**, [фр. peridotit]. *геол.* Ҷинси кӯҳии тафтавии (*интрузивии*) рангаш сабз, ки асосан аз *оливин* ва *пироксенҳо* таркиб ёфтааст.

**ПЕРИКА́РД**, [< *пери...* + kardia дил]. *анат.* Халтачаи дил; куртаи дил; пардаи дуқабатае, ки дил андаруни он ҷойгир шудааст. || Мқс. миокард.

**ПЕРИКАРДИ́Т**, [< *перикард*]. *тиб.* Варами халтачаи дил (*перикард*). || Мқс. миокардит.

**ПЕРИКА́РПИЙ**, [< *пери...* + karpos мева, ғӯра]. *бот.* Пардаи меваи растанӣ.

**ПЕРИ́МЕТР**, [< *пери...* + *метр*]. *геом.* **1**. Андозаи шакли (*фигураи*) мусаттаҳи геометрӣ. **2**. Ҳосили ҷамъи ҳамаи тарафҳои бисёркунҷа, аз ҷумла қитъаи замин, хона, ҳавлӣ ва м. инҳо.

**ПЕРИМЕ́ТРИЙ**, [< *пери...* + metra бачадон]. *анат.* Пардаи берунии бачадон.

**ПЕРИМЕТРИ́Т**, [< *периметрий*]. *тиб.* Газаки пардаи берунии бачадон (*периметрий*).

**ПЕРИНАТАЛӢ**, [< *пери...* + natalis мансуб ба таваллуд]. *тиб.* Мансуб ба давраи пеш аз таваллуд ва ҳафтаи якуми баъди таваллуд. || Мқс. антенаталӣ.

**ПЕРИНАТОЛО́ГИЯ**, [< *пери...* + natalis мансуб ба таваллуд + *...логия*]. *тиб.* Таълимот дар бораи обистанӣ, инкишофи ҷанин, физиология ва патологияи тифли навзод, сабабҳои беморӣ ва фавти кӯдак дар давраи *перинаталӣ*, усулҳои расондани ёрии тиббӣ ба навзодон ва модарони онҳо.

**ПЕРИОДО́НТ**, [< *пери...* + odus дандон]. Пардаи решаи дандон.

**ПЕРИОДОНТИ́Т**, [< *периодонт*]. *тиб.* Газаки пардаи решаи дандон (*периодонт*).

**ПЕРИО́СТ**, [< *пери...* + osteon устухон]. Пардаи рӯи устухон (ба истиснои буғумҳо); ба устухон бо торҳои Шарпей ва рагҳои хунгард пайваст мебошад. || Мқс. перихондр, Шарпей.

**ПЕРИОСТИ́Т**, [< *периост*]. *тиб.* Газаки пардаи рӯи устухон (*периост*). || Мқс. остит.

**ПЕРИПАТЕ́ТИКҲО**, [юн. peripatetikos сайркунандагон]. Дар Юнони Қадим – машшоиён; талабагону пайравони мактаби фалсафии Арасту, ки с. 335 то милод таъсис ёфта, қариб ҳазор сол арзи вуҷуд дошт; мувофиқи ривоят, Арасту ба шогирдонаш дар вақти сайругашт дарс медодааст.

**ПЕРИПЕТИ́Я**, [юн. peripeteia]. Мушкилоти ғайричашмдошт, вазъияти мураккаб дар ҳаёт, дар кор; гардиши ногаҳонӣ дар тақдир.

**ПЕРИ́ПТЕР**, [< *пери...* + pteron қанот, паҳлӯ]. *меъм.* Биное, ки чор тарафашро сутунҳо иҳота кардаанд; аксари ибодатгоҳҳои аҳди атиқа бо чунин шакл сохта шудаанд.

**ПЕРИСЕЛЕ́НИЙ**, [< *пери...* + selene Моҳ]. *астр.* Нуқтаи ба маркази Моҳ наздиктарини мадори радифи маснуи он; баръакси *апоселений.* || Мқс. периастр, перигей.

**ПЕРИСКО́П**, [< *пери...* + *...скоп*]. Дурбини иборат аз оинаю линзаҳо, ки бо он аз паноҳгоҳ, масалан, аз хандақ, танк ё киштии зериобӣ ба берун нигоҳ мекунанд.

**ПЕРИСТА́ЛТИКА (ПЕРИСТА́ЛЬТИКА)**, [< *пери...* + staltikos кашанда]. *тиб.* Ҳаракати мавҷмонанд ё кирммонанди узвҳои ковок, мас., рӯда, меъда ва м. инҳо.

**ПЕРИСТИ́Л (ПЕРИСТИ́ЛЬ)**, [юн. peristulon]. *меъм.* Ҳавлӣ, боғ ё майдони росткунҷае, ки аз чор тараф бо қатори сутунҳо иҳота шудааст; қисми таркибии бисёр иморатҳои аҳди атиқа ба шумор меравад.

**ПЕРИТОНЕОСКОПИ́Я**, [< юн. peritonaion пардаи шикам + *...скопия*]. *тиб.* Ниг. *лапароскопия.*

**ПЕРИТОНИ́Т**, [< юн. peritonaion пардаи шикам]. *тиб.* Варами пардаи рӯи шикам.

**ПЕРИФЕРИ́Я**, [< юн. periphereia атроф]. Дур аз марказ; музофот.

**ПЕРИФРА́ЗА, ПЕРИФРА́З**, [< юн. periphrasis]. *збш.* Калима ё ибораи тавсифие, ки ба ҷои калимаи асосӣ ё ном истифода бурда мешавад, мас., «шоҳи ҳайвонот» ба ҷои «шер», «ҷинси латиф» ба ҷои «зан».

**ПЕРИХО́НДР, ПЕРИХО́НДРИЙ**, [< *пери...* + chondros тағояк]. *анат.* Пардаи рӯи тағояк. || Мқс. периост.

**ПЕРИСЕМЕ́НТ (ПЕРИЦЕМЕ́НТ)**, [< *пери...* + *семент*]. Ниг. *периодонт.*

**ПЕРИСЕМЕНТИ́Т (ПЕРИЦЕМЕНТИ́Т),** [< *перисемент*]. Ниг. *периодонтит.*

**ПЕРИЭ́КҲО**, [< юн. perioikoi ҳамсояҳо]. Қисми нокомилҳуқуқи аҳолии полисҳои Юнони Қадим; бар хилофи илотҳо озодии шахсӣ доштанд, соҳиби замин буда метавонистанд, лекин ҳуқуқҳои сиёсӣ надоштанд.

**ПЕРКА́Л (ПЕРКА́ЛЬ)**, [фр. percale < исп. percal]. Матои тунуки бадошти пхтагӣ, ки аз он *парашют*, ҷилди болишт, либоси тобистона ва ғ. медӯзанд.

**ПЕРКУ́ССИЯ**, [< лот. percussio зарба задан]. **1**. Усули бо болғачаи махсус ё бо ангушт баданро кӯфта, аз рӯи овози он муайян намудани ҳолати узвҳои дарунӣ. **2**. Бо даст (на бо чубчаҳо) навохтани нақора ва диг. асбобҳои мусиқии зарбӣ.

**ПЕРЛ**, [фр. perle]. **1**. Дур(р), гавҳар, дурдона, марворид. **2**. *маҷ*. Намунаи беҳтарини ягон чиз. **3**. Аҳмақии хандаовар ва мислаш диданашуда. **4**. Ҳуруфи хурди матбаавӣ, ки андозааш (*кеглаш*) ба 5 *пункт* (1,88 мм) баробар аст.

**ПЕРЛАМУ́ТР,** [ол. Perlmutter < Perle дурдона + mutter модар]. Садаф.

**ПЕРЛИ́НЬ (ПЕРЛИ́Н)**, [ҳол. paardelijn]. Таноби канабии киштӣ.

**ПЕРЛИ́Т**, [фр. perlite]. **1**. Омехтаи *феррит* ва *сементит*, яке аз ҷузъҳои таркибии пӯлод ва чӯян. **2**. Масолеҳи гарминогузар, ки бо роҳи пухтани ҷинсҳои шишамонанди вулқонӣ ҳосил карда мешавад.

**ПЕРЛИТОБЕТО́Н**, [< *перлит* + *бетон*]. Бетони сабуки гарминогузар ва садоногузар, ки аз *перлит* тайёр карда мешавад; барои сохтани шифту деворҳо истифода мебаранд.

**ПЕРЛО́Н**, [фр. perlon]. Як навъ нахи сунъӣ ва матое, ки аз ин нах бофта шудааст.

**ПЕРЛЮСТРА́ТСИЯ (ПЕРЛЮСТРА́ЦИЯ)**, [лот. perlustro мебинам, наззора мекунам]. Тафтиши мукотибот; аз тарафи мақомоти давлатӣ кушодани мактубҳои бо почта ирсолшаванда бо мақсади донистани мазмуни онҳо, *сензура* ва назорат.

**ПЕРМАЛЛО́Й**, [англ. permalloy]. Номи умумии хӯлаҳои никел бо оҳан, баъзан бо илова намудани мис, хром, молибден, марганетс.

**ПЕРМАНГАНА́ТҲО**, [ол. Permanganaten]. *хим*. Намакҳои кислотаи марганетс; перманганати калий (*маргансовка*) дар тиб чун доруи безараркунанда ва сӯзонанда истифода мешавад.

**ПЕРМАНЕ́НТ,** [фр. permanent]. Бо усули химиявӣ ҷингила кардани мӯй. || Мқс. химия.

**ПЕРМАНЕНТӢ**, [< лот. permaneo идома меёбам]. Доимӣ, муттасил, бефосила, мас., рушди П.

**ПЕРМЕА́МЕТР**, [< лот. permeare аз мобайн гузаштан + *...метр*]. *физ*. Асбоб барои чен кардани хосиятҳои магнитии *ферромагнитҳо*.

**ПЕРМУТИ́ТҲО**, [< лот. permutare дигар (иваз) кардан]. *хим*. *Алюмосиликатҳои* сунъие, ки барои соф ва нарм кардани об истифода мешаванд.

**ПЕРНИСИОЗӢ (ПЕРНИЦИОЗӢ)**, [< лот. perniciosus ҳалокатовар, хавфнок]. *тиб*. Бадфарҷом, бадзот, музир, хавфнок (дар бораи саратон ва бемориҳои диг.).

**ПЕРО́,** [рус. перо пар]. Дар замони қадим – пари паранда, ки барои хатнависӣ истифода мешуд; баъдтар – олати нӯгборики пӯлодин, ки ба сари чӯбчаи махсус халида, бо он хат менавиштанд; ҳоло ҷои инҳоро қаламҳои саққочадор гирифтаанд.

**ПЕРОВСКИ́Т,** [англ. perofskite]. *маъд*. Минерал, оксиди калсий ва титан бо омехтаҳои тсерий ва диг. элементҳои нодир, инчунин ниобий, натрий ва оҳан.

**ПЕРПЕНДИКУЛЯ́Р**, [< лот. perpendicularis шоқулӣ]. *геом.* Хати росте, ки бо ягон хати дигар ё сатҳе кунҷи рости 90°-ро ташкил медиҳад.

**ПЕРПЕ́ТУУМ-МО́БИЛЕ**, [< лот. perpetuum mobile абадан ҳаракаткунанда]. Муҳаррики абадии тасаввурӣ, ки бо қонунҳои асосии физика мухолиф мебошад.

**ПЕРРО́Н**, [фр. perron < pierre санг]. Майдони дарозрӯя дар *вокзал*, ки дар он ҷо мусофирон ба поезд савор мешаванд ё аз поезд мефуроянд.

**ПЕРСЕИ́ДҲО**, [< *Персей*]. *астр.* Селаи тавонои шиҳобҳо (*метеорҳо*), ки онро ҳар сол 12 август мушоҳида кардан мумкин аст; дар бурҷи Персей *радиант* дорад.

**ПЕРСЕ́Й**, [юн. Perseus]. **1**. Дар асотири юнониёни Қадим – писари Зевс ва Данаи, ки бо қаҳрамониҳои худ машҳур гардидааст. **2**. *астр.* Бурҷе дар Нимкураи шимолии осмон.

**ПЕРСЕПТРО́Н**, [англ. perceptron]. *психол.* Амсилаи раванди идрок, ки бо ёрии шабакаи *нейронҳо* амалӣ мегардад.

**ПЕРСО́НА**, [лот. persona]. Шахс, шахсият, фард, зот, нафар.

**ПЕРСО́НА ГРА́ТА**, [лот. persona grata шахси мақбул]. Шахсе, ки дар ягон мамлакат намояндаи дипломатӣ таъйин шудааст ва ҳукумати он давлат ӯро ба ҳамин сифат эътироф намудааст. || Мқс. агреман.

**ПЕРСО́НА НОН ГРА́ТА**, [лот. persona non grata шахси номақбул]. Намояндаи дипломатӣ дар ягон давлат, ки ҳукумати он давлат ба вай бовар надорад ва бозхонди ӯро талаб мекунад.

**ПЕРСОНА́Ж**, [фр. personnage < лот. persona шахсият]. Қаҳрамони асари адабиёт ва санъат.

**ПЕРСОНА́Л**, [< лот. persona шахсият]. **1**. Ҳайати пурраи кормандони муассиса, корхона. || Мқс. коллектив. **2.** Қисме аз ин ҳайат, ки аз рӯи касб ё соҳаи фаъолияти худ аз кормандони дигар фарқ мекунад, мас., П.-и техникии (тиббии, илмии) муассиса.

**ПЕРСОНАЛИ́ЗМ**, [< лот. persona шахсият + пасв. -*изм*]. *фалс.* Равияи муосир дар фалсафа; пайравони он чунин мешуморанд, ки шахсият нахустунсури эҷодӣ мебошад; олам аз маҷмуи чунин унсурҳо, яъне аз шахсиятҳои маънавие иборат аст, ки онҳоро холиқи олӣ – Худо идора мекунад.

**ПЕРСОНА́ЛИЯ**, [англ. personalia]. Мақола дар *энсиклопедия*, баёз, ҷашнномa ва ғ. дар бораи ҳаёту фаъолияти ягон шахс, мас., нависанда, шоир, олим.

**ПЕРСПЕКТИ́ВА**, [фр. perspective]. **1**. Пешомад, оянда. **2**. Манзара, намуд, фазо. **3**. *кухна*. Хиёбон.

**ПЕРТИНЕНТӢ**, [англ. pertinent]. Бағоят муҳим, аҳамиятнок, мубрам.

**ПЕРТУРБА́ЦИЯ (ПЕРТУРБА́ТСИЯ),** [< лот. perturbatio шӯру ошуб]. **1**. *астр*. Тарокуми ҷирмҳои осмонӣ; тағйир ёфтани мадори ҷирми осмонӣ бо таъсири қувваи ҷозибаи ҷирмҳои дигар. **2.** Таҳаввули ногаҳонӣ; нобасомонӣ; тағйир ёфтани равиши муқаррарии ягон кор, мураккаб гардидани он.

**ПЕРФЕ́КТ**, [лот. perfectum]. *збш*. Замони гузаштаи феъл; дар баъзе забонҳо чунин амалеро ифода мекунад, ки дар замони гузашта воқеъ шудааст, вале натиҷаи он то ҳол давом дорад.

**ПЕРФОРА́ТОР**, [< лот. perforare парма кардан]. **1**. Пармаболға; пармаи кӯбанда, ки дар чоҳканӣ, кӯҳканӣ, бетонканӣ, сӯрох кардани деворҳои сахт ва м. инҳо истифода мешавад; бо ҳавои фишурда ё бо қувваи электр кор мекунад. **2**. Асбоб барои якбора сӯрох кардани якчанд сӯрохии бо тарибИ муайян ҷойгиршуда, мас., дар коғаз, картон, тунука ва ғ.

**ПЕРФО́РМАНС, ПЕРФО́МАНС**, [англ. performance иҷро кардан < лот. performare офаридан]. *санъ*. **1**. Намоиши театрӣ берун аз саҳна ва бе нақшҳои аниқи актёрон. **2**. Яке аз шаклҳои санъати муосир, ки театрро бо санъати тасвирӣ омезиш медиҳад; дар перформанс худи рассом бо ёрии композитсияҳои зинда: имову ишора, ҳаракатҳои бадан ва тарзи исти худ дар назди тамошобин баромад мекунад.

**ПЕРФУ́ЗИЯ**, [< лот. perfusio об рехтан, шустан]. *тиб*. **1**. Ба рагҳои хунгард ё қисми бадан фиристодани маҳлулҳои физиологӣ, хун ва ғ. **2**. Таъмин намудани фаъолияти дил бо ёрии асбобҳои махсуси гардишдиҳандаи хун.

**ПЕРХЛОРА́ТҲО**, [< лот. per зиёда аз + *хлоратҳо*]. *хим*. Намакҳои кислотаи хлор; барои тайёр кардани туршкунандаҳо, моддаҳои тарканда ва ғ. истифода мешаванд.

**ПЕРСЕ́ПСИЯ (ПЕРЦЕ́ПЦИЯ)**, [< лот. perceptio фаҳмидан, дарк кардан]. *психол*. Идрок; воқеияти объективиро бевосита инъикос намудани узвҳои ҳис.

**ПЕРЧ**, [англ. perch]. Ченаки англисии: 1) дарозӣ, ки ба 5,03 м баробар аст; 2) масоҳат, ки ба 25,3 $м^2$ баробар аст.

**ПЕРШ,** [фр. perche]. Ходаи дарозе, ки артистони сирк (*эквилибристҳо*) истифода мебаранд: П.-ро дар пешонӣ ё китфашон нигоҳ дошта меистанд, шарикашон бошад, ба он часпида баромада, ҳар гуна машқҳои мураккабро иҷро мекунад.

**ПЕРШЕРО́Н,** [фр. percheron]. Зоти аспҳои калонҷуссаи боркаш; дар асри 19 дар вилояти Перши Фаронса ба вуҷуд оварда шудааст ва номаш аз ҳамин ҷост.

**ПЕСЕ́ТА**, **ПЕЗЕ́ТА**, [исп. peseta]. Воҳиди пули Испания (то ҷорӣ гардидани *евро*), ки ба 100 сентимо баробар аст.

**ПЕ́СО**, **ПЕ́ЗО**, [исп. peso]. **1**. Воҳиди пули як қатор мамлакатҳои Амрикои Лотинӣ. **2**. Тангаи қадимии нуқрагии Испания.

**ПЕССИМИ́ЗМ**, [< лот. pessimus бадтарин]. Ҳисси рӯҳафтодагӣ, ноумедӣ, ноилоҷӣ, маъюсӣ, бовар надоштан ба ояндаи нек; баръакси *оптимизм*.

**ПЕССИМИ́СТ**, [< *пессимизм*]. Одами рӯҳафтода, ноумед ва дилмондае, ки ба ояндаи нек бовар надорад; баръакси *оптимист*.

**ПЕСТИСИ́ДҲО (ПЕСТИЦИ́ДҲО)**, [< лот. pestis мараз + caedere маҳв кардан]. *хим*. Заҳрхимикатҳо; моддаҳои химиявие, ки барои нест кардани алафҳои бегона, беморию зарраррасонҳои растанӣ, ғалладона, чӯбу тахта,мӯина, пӯст ва ғ., инчунин паҳнкунандагони бемориҳои хавфноки одаму ҳайвонот истифода мешаванд.

**ПЕТАБА́ЙТ**, [англ. petabyte]. *тех*. Воҳиди ченаки гунҷоиши хотира, ки ба 1024 терабайт баробар аст.

**ПЕТА́РДА**, [фр. petard]. **1**. *таър*. Гулӯлаи тарканда (тарф; зарфи металлии бо борут пуркардашуда) барои таркондани пулҳо, деворҳои қалъа ва ғ. **2**. Гулӯлаи сигналдиҳанда, ки барои нигоҳ доштани поезд ва роҳ надодан ба фалокат пеш аз ҷои хатарнок ба роҳи оҳан (*релс*) гузошта мешавад. **3**. Мушаки коғазӣ.

**ПЕТЕ́ХИЯ**, [< лот. petecchie доғ, донача]. *тиб*. Доначаҳои хунрав дар рӯи пӯст ё луобпарда ҳангоми баъзе бемориҳо (мас., *сепсис, диатез* ва ғ.).

**ПЕТИМЕ́ТР**, [фр. petit-maitre]. *таър*. Дар адабиёти асри 18-и Аврупо – ҷавони олуфтасатанг, бодӣ, ҳавоидаҳан, мағрур, ки рафтору гуфтори мутакаббиронааш боиси хандаю истеҳзои одамон мегашт.

**ПЕТИ́Т**, [фр. petit хурд]. Ҳуруфи реза; ҳарфҳои матбаавӣ, ки андозаашон (*кеглашон*) тақрибан ба 3 мм (8 *пункт*) баробар аст.

**ПЕТИ́ТСИЯ (ПЕТИ́ЦИЯ)**, [лот. petitio хоҳиш]. Арзномаи дастаҷамъии шаҳрвандон ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ.

**ПЕТРИФИКА́ТСИЯ (ПЕТРИФИКА́ЦИЯ)**, [< юн. petra санг + *...фикатсия*]. *геол*. Сангшавӣ.

**ПЕТРО...**, [< юн. petra санг]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки ба санг, ҷинсҳои кӯҳӣ робита доштанро ифода мекунад, мас ., *петрология*.

**ПЕТРОГЛИ́ФҲО,** [< юн. petra санг + glyphe ҳаккокӣ]. *арх*. Суратҳои ҳайвонот, парандаҳо, манзараҳои ҷанг, шикор ва ғ., ки дар рӯи шаху сангҳо ҳаккокӣ шудаанд; ба давраҳои *палеолит* ва *неолит* мансубанд.

**ПЕТРОГРА́ФИЯ**, [< юн. petra санг + *...графия*]. Ниг. *петрология*.

**ПЕТРОКРА́ТИЯ**, [< *петролеум* + kratos ҳокимият]. Сохти сиёсие, ки ҳангоми он ҳокимият дар дасти соҳибони ширкатҳои нафт мебошад. || Мқс. демократия.

**ПЕТРО́ЛЕУМ**, [< юн. petra санг + лот. oleum равған]. *куҳна*. Номи пештараи нафт.

**ПЕТРОЛО́ГИЯ**, [< юн. petra санг + ...*логия*]. Илм дар бораи ҷинсҳои кӯҳӣ, таркиби химиявию минералӣ, тарзҳои хобиш, қонуниятҳои таҳаввул, пайдоиш ва паҳншавии онҳо дар зери замин ва рӯи замин.

**ПЕТРОФИ́ЗИКА**, [< юн. petra санг + *физика*]. Фасли *петрология*, ки хосиятҳои физикии ҷинсҳои кӯҳиро меомӯзад.

**ПЕТРОФИ́ТҲО**, [< юн. petra санг + phyton растанӣ]. *бот*. Растаниҳое, ки дар танаи шаххо ва харсангҳо мерӯянд; *литофитҳо* низ гӯянд.

**ПЕТРОХИ́МИЯ**, [< юн. petra санг + *химия*]. Фасли *петрология*, ки таркиб ва хосиятҳои химиявии ҷинсҳои кӯҳиро меомӯзад.

**ПЕ́ТТИНГ**, [англ. petting навозиш]. Қонеъ гардондани ҳисси шаҳвонӣ бо роҳи навозиши якдигар ва бӯсаву канор (на бо алоқаи ҷинсӣ).

**ПИ**, [аз номи ҳарфи П,$\pi$-и алифбои юнонӣ]. *мат*. Адади *ирратсионалӣ* (ғайриқиёсӣ), ки бо таносуби дарозии доира ва қутби он баробар аст.

**ПИАНИ́НО,** [ит. pianino]. Асбоби мусиқии забонакдор (клавишдор); як навъи *фортепиано*, ки торҳояш амудӣ кашида шудаанд ва худаш низ амудӣ меистад.

**ПИАНИ́ССИМО**, [ит. pianissimo]. *мус*. Садои хеле паст, ором, пасттар аз *пиано*; бо аломати pp ифода мешавад; баръакси *форте*.

**ПИАНИ́СТ**, [< ит. pianino]. Навозандаи *пианино, роял, фортепиано*.

**ПИА́НО**, [ит. piano]. *мус*. Садои паст, ором; бо аломати p ифода мешавад; баръакси *форте*.

**ПИАНО́ЛА**, [< ит. piano]. **1**. Як навъ фортепианои механикӣ. **2**. Ҷиҳози махсусе, ки бо он пианино ё роялро ба фортепиано табдил додан мумкин аст.

**ПИА́Р,** [англ. PR – ихтисоршудаи public relations робита бо аҳли ҷомеа]. Ташҳир; фаъолияти иттилоотӣ бо мақсади ташаккул додан афкори ҷомеа дар бораи ягон шахс, чиз, воқеа.

**ПИАР-...**, [англ. PR – ихтисоршудаи public relations робита бо аҳли ҷомеа]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки бо ташҳир, *пиар* алоқа доштанро ифода мекунад, мас., пиар-чорабинӣ, пиар-менеҷер, пиар-лоиҳа.

**ПИА́СТР**, [< лот. piastra]. **1**. Тангаи Туркия, ки ба 0,01 *лира* баробар аст; *куруш* низ гӯянд. **2**. Тангаи Миср, Лубнон, Сурия ва Судон, ки ба 0,01 *фунт* баробар аст. **3**. Воҳиди пули баъзе мамлакатҳои Ҳиндухитой.

**ПИ́ВО**, [рус.]. Фугон, фуқоъ; нӯшокие, ки аз оби ҷав тайёр карда мешавад.

**ПИГМАЛИО́Н**, [юн. қад.]. **1**. Дар асотири юнониён – подшоҳи Кипр, ки ҳайкали занеро тарошида, ба он ошиқ шудааст. **2**. *маҷ*. Шахсе, ки ба маҳсули эҷоди худ ошиқ аст.

**ПИГМЕ́Й**, [< лот. pygmaeus]. **1**. Намояндаи қабилаҳои қадпасти Африқои Марказӣ ва баъзе минтақаҳои Осиёи Ҷануби Шарқӣ (дарозии миёнаи қадашон то 150 см). **2**. *мач*. Одами паст, сифла, нокас.

**ПИГМЕНТА́ТСИЯ (ПИГМЕНТА́ЦИЯ)**, [< *пигмент*]. *биол*. Бо таъсири моддаҳои рангдиҳанда (*пигментҳо*) рангҳои муайян гирифтани узвҳои одам, ҳайвонот ва наботот.

**ПИГМЕНТҲО**, [лот. pigmentum]. **1**. Моддаҳои рангдиҳанда дар организми одам, ҳайвон ва растаниҳо; ба пӯст, мӯй, шоху баргҳо ва ғ. ранг медиҳанд. **2**. Пайвастҳои химиявие, ки барои рангубори пластмассаҳо, наххои химиявӣ, резинаҳо ва ғ., инчунин барои тайёр кардани рангҳои гуногун истифода мешаванд.

**ПИГОПА́ГҲО,** [лот. pygopagus]. Нуқси инкишофи ҷанин – дугоникҳое, ки суринҳояшон бо якдигар часпида таваллуд шудаанд; танҳо бо роҳи ҷарроҳӣ ҷудо карда мешаванд.

**ПИЧА́К (ПИДЖА́К)**, [англ. pea-jacket]. Қисми болоии *костюм*; либоси камзӯлмонанди гиребондор ва тугмадори асосан мардона.

**ПИЕЛИ́Т**, [< юн. pyelos тағора, ҳавзак]. *тиб*. Варами ҳавзакҳои гурда. || Мқс. нефрит, нефроз.

**ПИЕЛОГРА́ФИ́Я**, [< юн. pyelos тағора, ҳавзак + *...графия*]. *тиб*. Усули тадқиқи рентгенографии гурда баъди пур кардани ҳавзакҳои он бо моддаи *контрастӣ* (моддае, ки нурҳои рентгениро нисбат ба бофтаи организм сусттар ё тезтар фурӯ мебарад).

**ПИЕ́ЛОНЕФРИ́Т**, [< юн. pyelos тағора, ҳавзак + nephros гурда]. *тиб*. Варами гурда ва ҳавзакҳои он. || Мқс. нефрит, нефроз.

**ПИЕМИ́Я**, [< юн. pyon чирк, фасод + haima хун]. *тиб*. Як шакли сепсис; дар натиҷаи аз манбаи фасод ба хун гузаштани микробҳо дубора пайдо шудани доначаҳои зиёди фасоднок дар узвҳои гуногуни бадан.

**ПИЕТЕ́Т**, [< лот. pietas порсоӣ]. Эҳтиром, иззату икром, эъзоз.

**ПИЕТИ́ЗМ**, [< лот. pietas порсоӣ]. **1**. Ҷараёни тасаввуфӣ дар *протестантизм*, ки дар охири асри 17 ба вуҷуд омадааст; пайравони он худотарсӣ, порсоӣ, тақводорӣ ва зуҳдро талқин намуда, ҳама гуна бозиву дилхушиҳо, инчунин оинҳои расмии калисоиро маҳкум мекарданд.

**ПИЁЛА,** [юн.]. **1**. Зарфи хурди бедастаи чинӣ ё сафолӣ барои нӯшидани чизҳои обакӣ (мас., чой, май ва ғ.). **2**. *мач*. Май, шароб.

**ПИЖА́МА,** [ҳинд. pajama < форс. пойҷома]. **1**. Дар Ҳиндустон – шалвори дароз аз матои нафис. **2**. Либоси хонагӣ, ки аз шалвор ва куртаи кушод иборат аст.

**ПИЖО́Н**, [< фр. pigeon кабӯтар]. Олуфта, олуфтасанг; ҷавоне, ки кӯшиш мекунад, на бо ақлу заковат ва меҳнатдӯстӣ, балки бо либос, мошин, телефон ва дигар чизҳои назаррабо ва мӯдшудаи худ аз дигарон фарқ карда истад.

**ПИК**, [фр. pic]. Воҳиди дарозӣ дар баъзе мамлакатҳои Баҳри Миёназамин: 1 П.-и арабӣ = 0,48 м; 1 П.-и туркӣ = 0,64 м; 1 П.-и суриягӣ + 0,709 м.

**ПИ́КА,** [пол. pika]. Найзача; як навъ аслиҳаи халанда.

**ПИКАДО́Р**, [исп. picador]. Саворае, ки дар буққаҷанг (*коррида*) буққаро бо халондани найзача (*пика*) ба шӯр меорад. || Мқс. метадор, тореадор.

**ПИКА́П¹**, [англ. pickup]. Автомобили сабукрави на чандон калон барои боркашӣ ва мусофиркашӣ; дари бордонаш аз қафо кушода мешавад.

**ПИКА́П²**, [англ. pickup]. Санъати шиносшавӣ бо шахсони ҷинсашон муқобил дар ҷойҳои ҷамъиятӣ.

**ПИКЕ́Т¹**, [фр. piquet яккамех, мехчӯб]. **1**. Дастаи хурди посбонон. || Мқс. пост. **2**. Гурӯҳи корпартоён, ки дар беруни корхона гаштугузор намуда, *штрейкбрехерҳоро* (коргарони дар корпартоӣ иштирок накардаро) ба корхона даромадан намемонанд, инчунин корпартофтагонро аз ҳуҷуми беруна муҳофизат мекунанд. **3**. Гурӯҳи одамоне, ки талаботу эътирози худро ба воситаи *плакатҳо* ба ҳокимият баён мекунанд; бар хилофи *митинг*, дар П. нутқ эрод карда намешавад.

**ПИКЕ́Т²**, [фр. piquet яккамех, мехчӯб]. **1**. Воҳиди дарозӣ дар роҳи оҳан; 1 П. ба 100 м баробар аст. **2**. *геод*. Нуқтаи маҳал, ки баландии он ҳангоми тарҳкашии геодезӣ муайян карда мешавад; бо мехчӯб ишора мекунанд.

**ПИКЕ́Т³**, [ол. Pikett]. Як навъ қиморбозӣ бо қарта.

**ПИКЕТА́Ж**, [фр. piquetage]. *геод*. Интихоби нуқтаҳо дар маҳал ва бо мехчӯбҳо ишора кардани онҳо бо мақсади аксбардории геодезӣ, тарҳкашӣ, роҳсозӣ ва ғ.

**ПИ́КИ**, [фр. piquet яккамех, мехчӯб]. Холи зоғи сиёҳ (яке аз чор холи қарта).

**ПИ́ККЕР**, [англ. picker]. *кшв*. Мошини ҷуворимаккағундор.

**ПИ́ККОЛО**, [ит. piccolo]. Асбоби мусиқии дар байни дигар ҳамҷинсонаш хурдтарин, аммо садояш баландтарин (мас., *флейта* дар байни найҳои дигар).

**ПИКНИ́К**, [фр. pique-nique]. Сайругашт, дилхушӣ, ғизохӯрӣ дар оғӯши табиат бо дӯстон ё аҳли оила.

**ПИКНОЗО́НД**, [< юн. pyknos зичӣ + sonde ламс]. *физ*. Асбоб барои муайян кардани зичии оби баҳр дар чуқуриҳои гуногун.

**ПИКНОЛЕ́ПСИ́Я**, [< юн. pyknos зуд-зуд + lepsis хуруҷ]. *тиб*. Яке аз шаклҳои бемории саръ; беҳушшавии тез-тез (дар як рӯз аз 15 то 150 маротиба) ва кӯтоҳмуддати кӯдакон; ҳамагӣ якчанд сония давом мекунад ва дар ин маврид

вайроншавии фаъолияти рӯҳӣ мушоҳида карда намешавад; *пикноэпилепсия* низ гӯянд.

**ПИКНО́МЕТР**, [< юн. pyknos зичӣ + *...метр*]. *физ.* Асбоб барои муайян кардани зичии газ, моеъ ё ҷисми сахт.

**ПИКО...**, [исп. pico воҳиди хурд]. Пешванд барои ифода кардани воҳидҳое, ки ба $10^{-12}$ ҳиссаи воҳиди ибтидоӣ баробаранд, мас., 1 пФ (пикофарада) = $10^{-12}$ Ф.

**ПИКОНАВИ́РУСҲО,** [< *вирус*]. Вирусҳои дорои КРН (*кислотаи рибонуклеит*), ки дар одам ва ҳайвонот бемориҳои сироятиро (мас., сарсом, *полиомиелит* ва ғ.-ро) ба вуҷуд меоранд.

**ПИКРА́ТҲО**, [< юн. piktos талх, тунд]. *хим.* Пайвастҳои органикӣ, намакҳои кислотаи пикрин, ки дар истеҳсоли моддаҳои тарканда истифода мешаванд.

**ПИ́КСЕЛ (ПИ́КСЕЛЬ)**, [англ. pixel]. *инф.* Хурдтарин унсури тасвири рақамӣ дар экрани компютер ё дигар ҷиҳози тасвиркунанда; шаклаш росткунҷа буда, ранги муайян дорад; *камера* ҳар қадар П.-и зиёд дошта бошад, аксҳои он ҳамон қадар равшантар мебароянд.

**ПИКТОГРА́ММА**, [< лот. pictus кашидашуда + *…грамма*]. *збш.* Дар замонҳои қадим расмҳои шартие, ки дар хатнависӣ ба ҷои харфҳо истифода мешуданд.

**ПИКТОГРА́ФИЯ**, [< лот. pictus кашидашуда + *…графия*]. *збш.* Хати тасвирӣ; шакли қадими хатнависӣ ба воситаи расмҳои шартӣ (*пиктограммаҳо*). || Мқс. идеография.

**ПИ́КУЛИ,** [англ. pickles]. Очор; сабзавоти майдаи дар сирко ва дорувор хобондашуда.

**ПИ́КУЛ (ПИ́КУЛЬ)**[1], [мал. pikul]. Воҳиди вазн дар баъзе мамлакатҳои Осиёи Ҷануби Шарқӣ, ки тақрибан ба 60 кг баробар аст.

**ПИ́КУЛ (ПИ́КУЛЬ)**[2], [англ. pickles]. Ниг. *пикули*.

**ПИЛИГРИ́М**, [ит. pellegrino < лот. peregrinus бегона]. Зоири мусофир.

**ПИ́ЛИНГ**, [англ. peeling < to peel тарошидан]. **1**. Нест кардани ожангҳо бо роҳи гирифта партофтани қабати болоии пӯст; П.-и химиявӣ – ҳамин гуна амал бо ёрии кислотаҳои гуногун. **2**. Мулоим кардани пӯсти шахшӯлшуда бо ёрии кремҳои махсус, инчунин худи ҳамин крем.

**ПИ́ЛЛЕРС**, [англ. pillars]. Пояи амудии чӯбин ё металлӣ, ки саҳни болоии киштиро дошта меистад.

**ПИЛО́НҲО**, [< юн. pylon дарвоза]. **1**. Иншоот дар шакли аҳромҳои сарбурида, ки дар ду тарафи даромадгоҳи маъбадҳои Мисри Қадим сохта мешуданд. **2**. Шаҳсутунҳо; сутунҳои калони зери гунбад ё ду тарафи даромадгоҳ.

**ПИЛОРА́МА**, [< рус. пила арра + рама чорчӯба]. Дастгоҳи дорои якчанд арра барои аз ғӯла буридани тахта.

**ПИЛОРОСПА́ЗМ**, [< юн. pylorus баромадгоҳи меъда + *...спазм*]. *тиб.* Ихтилоҷи баромадгоҳи меъда ҳангоми *невроз*, захми меъда ва бемориҳои диг.

**ПИЛО́РОСТЕНО́З**, [< юн. pylorus меъда + *...стеноз*]. *тиб.* Тангшавии баромадгоҳи меъда ва ихтилоҷи он.

**ПИЛО́Т**, [фр. pilote]. **1**. Ҳавонавард; ронандаи ҳавопаймо, чархбол ва ғ.; *лётчик*. **2**. Ронандаи автомобили варзишӣ, ки дар мусобиқаҳо иштирок мекунад, мас., дар "Формула-1".

**ПИЛОТА́Ж**, [фр. pilotage]. **1**. Санъати парвоз; санъати ҳавонавардӣ; ҳунари идора намудани ҳавопаймо, чархбол ва ғ. дар сатҳҳои уфуқӣ, амудӣ ва моил; П. одӣ, мураккаб ва олӣ мешавад. **2**. Таҳқиқи пешакии объектҳо (аҳолӣ, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва ғ.) бо мақсади омӯхтани шароиту хусусиятҳои онҳо, озмоиши усулҳои (*методикаҳои*) нав, татбиқи лоиҳаҳо ва ғ.

**ПИЛОТӢ**, [< *пилот*]. **1**. Мансуб ба *пилот*. **2**. Таҷрибавӣ, озмоишӣ; озмоишшаванда; н о ҳ и я и  п и л о т ӣ – ноҳияе, ки дар ин ё он лоиҳа, барнома ва ғ. озмоиш ё татбиқ карда мешавад.

**ПИЛО́ТКА**, [< *пилот*]. Як навъ каллапӯши тобистонаи хизматчиёни ҳарбӣ; дар аввал каллапӯши расмии ҳавонавардон (*пилотҳо*) буд ва номаш аз ҳамин ҷост.

**ПИЛЮ́ЛЯ**, [фр. pilule саққоча]. Ҳаб; доруи сахти саққочамонанд.

**ПИЛЯ́СТРА, ПИЛЯ́СТР**, [фр. pilastre < лот. pila сутун]. *меъм.* Сутуни чорпаҳлӯе, ки нисфаш даруни девор аст.

**ПИМ**, **ПИ́МА**, [нен. piwa]. **1**. Як навъ мӯзаи соқбаланди пӯстигавазнии мардуми Шимол, ки пашмаш ба берун аст. **2**. Дар Урал ва Сибир – мӯзаи намадин.

**ПИН-КОД**, [< англ. pin сӯрох кардан]. Ниг. *пин-код*.

**ПИНАКОТЕ́КА**, [< юн. pinax (pinakos) сурат + theke махзан]. Махзани сурат; суратхона; хазинаи асарҳои санъати тасвирӣ.

**ПИНГВИ́Н**, [фр. pinguin < лот. pinguis фарбеҳ, серравған]. Парандаи кӯтоҳболи баҳрӣ, ки парвоз карда наметавонад (болҳои белшаклаш барои шино кардан хизмат мекунанд); вазнаш аз 3 то 42 кг (17 намуд); дар Антарктида паҳн шудааст.

**ПИНГ-ПО́НГ**, [англ. ping-pong]. Тенниси рӯимизӣ.

**ПИНЕ́ТКА**, [рус. < юн. pinna моллюск]. Пойафзолчаи тагаш мулоим барои кӯдаконе, ки ҳанӯз роҳ гашта наметавонанд.

**ПИ́НКА**, [ҳол. pink]. Киштии дусутунаи на чандон калони бодбону муҳаррикдор, ки дар як қатор мамлакатҳои Аврупо барои моҳидорӣ ва боркашонӣ истифода мебаранд.

**ПИН-КОД**, [< англ. pin сӯрох кардан + code рамз]. Рақами мушаххасгардонии шахсӣ, ки дар хотираи (*чипи*) корти пластикӣ маҳфуз мебошад; барои гирифтани маблағ ин рақам дар лавҳаи рақамии *банкомат* чида мешавад; соҳиби рақам бояд онро махфӣ нигоҳ дорад.

**ПИНО́Л (ПИНО́ЛЬ)**, [ол. Pinole]. *тех*. Мангана, исканҷа; ҷиҳози дастгоҳи металлбурӣ, ки маснуоти буридашаванда ё асбоби бурандаи дастгоҳро маҳкам дошта меистад.

**ПИНСЕ́Т (ПИНЦЕ́Т)**, [фр. pincette]. Гира; асбоби анбӯрмонанде, ки дар тиб, техника, озмоишгоҳ (*лаборатория*), устохонаҳои заргарӣ, тармими соат, инчунин дар рӯзгор барои доштани чизҳои майда, нозук, лағжонак истифода мебаранд.

**ПИ́НТА**, [англ. pint]. Воҳиди ҳаҷм ва гунҷоиш дар ИМА, Англия ва баъзе мамлакатҳои диг.

**ПИ́НЧЕР**, [ол. Pinscher]. Зоти сагҳои кӯтоҳпашме, ки барои посбонӣ, дошта гирифтани калламушҳо, хазҳо ва дигар ҳайвонҳои хурд истифода мешаванд. || Мқс. боксёр, булдог, дог.

**ПИОГЕНӢ**, [< юн. pyon мадда, фасод + …*ген*]. Б а к т е р и я ҳ о и п и о г е н ӣ – бактерияҳои маддаовар, фасодзо, аз қабили *стафилококкҳо, стрептококкҳо* ва м. инҳо.

**ПИОДЕРМИ́Я,** [< юн. pyon мадда, фасод + derma пӯст]. *тиб*. Гурӯҳи бемориҳои илтиҳобии пӯст, ки барангезандагони онҳо микробҳои маддаовар мебошанд, мас. пучак. || Мқс. дерматит, дерматоз.

**ПИОН**[1], [< юн. paionia – аз номи мавзее дар Македония]. Гули ашрафӣ; гули маҷах; растании бисёрсола аз оилаи чиноракҳо, ки гулҳои калони сафед, гулобӣ ва сурх дорад.

**ПИОН**[2], [кӯтоҳшудаи истилоҳи «пи-мезон» (ниг. *мезон*)]. *физ*. Яке аз се зарраи элементарии (*адрони*) номунтазаме, ки ноқилони қувваҳои ядрой ба шумор мераванд.

**ПИОНЕ́Р**[1]**,** [фр. pionnier]. **1**. Нахустсокин; шахсе, ки аввалин шуда дар ҷои номаскуне маскун гардидааст. **2**. Нахусткашшоф; пешоҳанг; шахсе, ки дар ягон соҳа (илм, техника ва ғ.) аввалин шуда кашфиёте кардааст, ба чизе асос гузоштааст, роҳи наве кушодааст.

**ПИОНЕ́Р**[2]**,** [фр. pionnier]. *таър*. Дар СССР – узви Ташкилоти умумииттифоқии пионерон ба номи В.И.Ленин, ки аз с. 1922 то с. 1991 фаъолият мекард.

**ПИОНЕ́Р**[3]**,** [фр. pionnier]. Хизматчии ҳарбии қисмҳои муҳандисию бинокорӣ дар баъзе мамлакатҳои Аврупо ва Россияи асрҳои 18 – 19.

**ПИОНЕФРО́З**, [< юн. pyon мадда, фасод + nephros гурда]. *тиб*. Мадда карда вайрон шудани бофтаҳои гурда дар натиҷаи бемории сил ё пайдо шудани санг. || Мқс. нефрит, нефроз.

**ПИОРЕ́Я**, [< юн. pyon мадда, фасод + rheo ҷорӣ мешавам]. *тиб.* Чиркравӣ; фасодравӣ (мас. аз ҷароҳат); П . - и а л в е о л я р ӣ – ниг. *пародонтоз.*

**ПИОСА́ЛПИНКС (ПИОСА́ЛЬПИНКС)**, [< юн. pyon мадда, фасод + salpinx ной]. *тиб.* Маддаи нойи бачадон; ҷамъ шудани фасод (рим) дар нойи бачадон.

**ПИОСПЕРМИ́Я**, [< юн. pyon мадда, фасод + sperma нутфа]. *тиб.* Дар нутфа вуҷуд доштани фасод (чирк, рим).

**ПИОТО́РАКС**, [< юн. pyon мадда, фасод + thorax сина]. *тиб. Плеврити* римнок; ҷамъ шудани фасод (рим) дар ковокии сина.

**ПИПЕРАЗИ́Н**, [англ. piperazine]. Моддаи кристаллии дар об ва спирт ҳалшаванда; дар химияи таҳлилӣ барои муайян кардани *ванадий, волфрам* ва *молибден*, дар тиб барои нест кардани кирмҳои рӯдаву меъда истифода мешавад.

**ПИПЕ́ТКА**, [фр. pipette найча]. Қатрарез, чакрарез, доручаконак; найчаи шишагини нӯгборик барои гирифтани доруи обакӣ ва қатра-қатра чакондани он ба гӯш, чашм ва ғ.

**ПИРАМИ́ДА**, [юн. piramidos]. **1**. *геом.* Ҷисми бисёррӯя, ки як рӯяш (асосаш) бисёркунҷа буда, рӯйҳои дигараш секунҷаҳои дорои қуллаи умумӣ мебошанд. || Мқс. гексаэдр, октаэдр. **2**. Аҳром; мақбараи азими сангини фиръавнҳои Мисри Қадим, ки дар шакли пирамидаи асосаш чоркунҷа сохта шудааст. **3**. *ҳарб.* Пояи чӯбин ё оҳанин барои нигоҳ доштани милтиқу автоматҳо. **4**. Саққоҳое, ки дар аввали бозии биллиард дар шакли секунҷа болои миз гузошта мешаванд.

**ПИРАНО́ГРАФ**, [< юн. pyr оташ + ano дар болои + *...граф*]. *тех. Пиранометри* бо *галванометри* худнавис пайвастшуда – асбоб барои сабти *радиатсияи* офтоб.

**ПИРАНО́МЕТР**, [< юн. pyr оташ + ano дар болои + *...метр*]. *тех.* Асбоб барои чен кардани *радиатсияи* пароканда ё рости офтоб.

**ПИРА́Т**, [лот. pirata]. Роҳзани баҳрӣ.

**ПИРГЕЛИО́МЕТР**, [< юн. pyr оташ + *гелиометр*]. *тех.* Асбоб барои чен кардани шиддати *радиатсияи* рости Офтоб.

**ПИРГЕО́МЕТР**, [< юн. pyr оташ + *гео* + *метр*]. *тех.* Асбоб барои чен кардани шиддати шуоъафкании сатҳи Замин.

**ПИРЕ́ТРУМ**, [лот. pyretrum]. **1**. *бот.* Бобуна; растании бисёрсола аз оилаи мураккабгулҳо. **2**. *хим.* Хокае, ки аз гулҳои ин растанӣ тайёр карда, барои нест кардани ҳашароти зараррасон истифода мебаранд.

**ПИРИДИ́Н**, [< юн. pyr оташ]. *хим.* Моеи беранги бадбӯй, ки дар таркиби қири ангишт вуҷуд дорад; дар синтези рангҳо, доруҳо, *гербисидҳо*, инчунин дар тоза кардани спирти этил истифода мебаранд.

**ПИРИДОКСИ́Н**, [< *пиридин*]. *хим*. Витамини дар об ҳалшавандаи $B_6$; дар гӯшт, моҳӣ, ҷигар, шир, хамиртуруш вуҷуд дорад; камии П. дар организми одам ва ҳайвонот боиси камхунӣ, *дерматит*, рагкашӣ ва бемориҳои диг. мегардад.

**ПИРИ́Т**, [< юн. pyrites дар оташ сӯзондашуда]. *маъд*. Минерал, *дисулфиди* оҳан; дар таркибаш мис, кобалт, тилло ва минералҳои диг. вуҷуд доранд; барои истеҳсоли кислотаи сулфат, инчунин мис, тилло ва кобалт ашёи хом ба шумор меравад.

**ПИРО...**, [< юн. pyr оташ]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки ба оташ, ба ҳарорати баланд робита доштанро ифода мекунад, мас., *пирометаллургия*.

**ПИРО́Г,** [рус.]. Таоми хамирии санбӯсамонанд, ки бо гӯшт, карам, занбӯруғ, мева ва ғ. пухта мешавад.

**ПИРО́ГА,** [исп. piragua]. Завраҳи борику дарози ҳиндуёни Амрикои Марказӣ ва Ҷанубӣ; одатан аз танаи яклухти дарахт сохта мешавад.

**ПИРОГЕНИЗА́ТСИЯ (ПИРОГЕНИЗА́ЦИЯ)**, [< юн. pyr оташ + genos пайдоиш]. *хим*. Коркарди моддаҳои органикӣ бо роҳи тасфондани онҳо дар ҳарорати баланд (бе ҳаво).

**ПИРОЖКИ́**, [< рус. пирожок пирогча]. **1**. Санбӯса. **2**. Пирогча; порчае аз *пирог*.

**ПИРО́ЖНИ**, [рус.]. Маснуоти қаннодие, ки аз хамир, равған, креми ширин ё мева тайёр карда мешавад.

**ПИРОКСЕНИ́ТҲО**, [< *пироксен*]. Ҷинсҳои кӯҳие, ки аз пироксенҳо иборатанд.

**ПИРОКСЕ́НҲО**, [< юн. pyr оташ + xenos бегона]. *геол*. Гурӯҳи минералҳои ҷинсофар, метасиликатҳои магний, калсий, оҳан, натрий, литий, алюминий.

**ПИРОКСИЛИ́Н**, [< юн. pyr оташ + oxys тез, тунд]. *хим*. Яке аз намудҳои нитроселлюлоза, ки аз он борути бедуд истеҳсол мекунанд.

**ПИРОЛА́ТРИЯ**, [< юн. pyr оташ + latreia парастиш]. Оташпарастӣ.

**ПИРО́ЛИЗ**, [< юн. pyr оташ + lysis ҳалшавӣ]. *хим*. Намуди асосии *пирогенизатсия*; таҷзияи пайвастҳои химиявӣ бо роҳи тасфондани онҳо дар ҳарорати баланд.

**ПИРОЛЮЗИ́Т**, [< юн. pyr оташ + lusis тоза кардан]. *маъд*. Минерали рангаш сиёҳ, ки асосан аз *диоксиди* марганетс иборат буда, маъдани муҳимтарини марганетс ба шумор меравад, инчунин дар шаффоф кардани шиша истифода мешавад.

**ПИРОМА́НИЯ**, [< юн. pyr оташ + mania шавқ, ҳавас]. *тиб*. Яке аз шаклҳои бемории рӯҳӣ – майли зиёд ба оташзанӣ, ба сӯзондани ягон чиз ё ягон ҷой.

**ПИ́РОМЕТАЛЛУРГИ́Я**, [< *пиро...* + *металлургия*]. Дар ҳарорати ниҳоят баланд ҳосил ва тоза кардани металлҳо ва хӯлаҳои металлӣ.

**ПИРО́МЕТР**, [< юн. pyr оташ + ...*метр*]. Гармисанҷ; асбоб барои чен кардани ҳарорати баланд (баландтар аз 600°С).

**ПИРОМЕТРИ́Я**, [< юн. pyr оташ + *...метр*]. *физ*. Маҷмуи усулҳои чен кардани ҳарорати баланд ба воситаи гармисанҷ (*пирометр*).

**ПИРО́П**, [< юн. pyropos оташин]. *маъд*. Минерал аз гурӯҳи ақиқҳо; рангаш сурхи баланд; ақиқи чеҳӣ низ меноманд; навъҳои шаффофаш сангҳои қиматбаҳоянд.

**ПИРОПАТРО́Н**, [< юн. pyr оташ + *патрон*]. Найчаи тунукдевори бо борут пуркардашуда, ки таркишаш фавран дигар ҷиҳози техникиро ба кор медарорад, мас., курсии катапулташавандаи (ниг. *катапулта*) ҳавонавардро.

**ПИРОПЛАЗМО́З**, [< юн. pyr оташ, таб + plasma ба вуҷуд омадан]. *байт*. Бемории асп, гов, хук, саг, ки бо вараҷа, зардпарвин, камхунӣ, *гемоглобинурия* зоҳир мегардад; барангезандагони П. пироплазмаҳое мебошанд, ки дар хуни ҳайвонот муфтхӯрона зиндагӣ мекунанд.

**ПИРОТЕРАПИ́Я**, [< *пиро...* + *терапия*]. *тиб*. Усули табобат бо роҳи ба таври сунъӣ баланд кардани ҳарорати бадан.

**ПИРОТЕ́ХНИКА**, [< *пиро...* + *техника*]. Соҳаи техника, ки бо тайёр кардан ва истифода бурдани мушакҳои сигналдиҳанда, оташдиҳанда, баландсадо, дудкунанда, инчунин мушакҳои идона машғул мебошад.

**ПИРОФИЛЛИ́Т**, [< юн. pyr оташ, таб + phyllon варақ]. *маъд*. Минерал, *силикати* обии алюминий, рангаш сабзи паст, гулобӣ, баъзан беранг; дар шакли варақҳо ё пулакчаҳо дучор мешавад; аз П. масолеҳи ба оташ тобовар ва зангназананда тайёр мекунанд.

**ПИРОХЛО́Р**, [< юн. pyr оташ + chloros зарди сабзтоб]. *маъд*. Минерали радиоактивӣ, оксиди мураккаби ниобий, тантал, титан ва баъзе элементҳои диг.; баъзе намудҳояш уран доранд.

**ПИРРО́Л**, [< юн. pyrrhos оташранг + лот. oleum равған]. *хим*. Пайвасти органикии моеи қатори гетеросиклӣ, ки дар таркиби қири ангиштсанг ва маҳсули тақтири хушки равғани устухон вуҷуд дорад; дар доруcозӣ истифода мешавад.

**ПИРРОНИ́ЗМ**, [< юн. Pyrrhon + пасв. -*изм*]. *фалс*. Таълимоти файласуфи Юнони Қадим Пиррон (асри 4 то милод); шакли ба ифрот расидаи шаккокия (*скептисизм*); мувофиқи ақидаи Пиррон, инсон дар бораи ашё ягон чизро доништа наметавонад, бинобар ин бояд аз муҳокимаи онҳо худдорӣ намояд.

**ПИРРОТИ́Н**, [< юн. pyrrhotes сурхча]. *маъд*. Минерал, сулфиди оҳани ду- ва севалента бо омехтаи никел, мис, кобалт ва элементҳои диг. (колчедани магнитӣ низ меноманд); дар истеҳсоли кислотаи сулфат истифода мешавад.

**ПИРС**, [англ. piers]. Лангаргоҳ; иншооти дарозрӯя дар бандар, ки қисми асосиаш ба тарафи баҳр тӯл кашидааст; дар ду тарафи он киштиҳо миҳор мебанданд.

**ПИРСИНГ,** [англ. piersing]. Сӯрох кардани узвҳои гуногуни бадан (забон, лаб, бинӣ, ноф ва ғ.) ва ба ин сӯрохиҳо овехтан ё часпондани ҳар хел ороишот; бештар дар байни ҷавонон паҳн шудааст. || Мқс. татуаж.

**ПИРУЭ́Т,** [< юн. peiro парма мекунам]. **1**. Дар балет ва яхмолакбозӣ – бо нӯги як по рост истода чарх занондани бадан. **2**. Дар аспсаворӣ – тоб хӯрондани асп бо пойҳои ақибаш.

**ПИСТО́Л (ПИСТО́ЛЬ)**, [фр. pistole < исп. pistola]. **1**. Тангаи тиллоии Испания дар асрҳои 16 – 18. **2**. Номи аввалин таппончаҳои пилтагӣ, ки дар асри 16 пайдо шуда буданд.

**ПИСТО́Н**, [фр. piston]. **1.** Косачаи металлии дорои миқдори муайяни моддаи тарканда барои даргирондани борути тир (*патрон*). **2**. Миқдори ночизи борути *пиротехникии* ба коғаз часпондашуда барои таппончаҳои бозичагии кӯдакон. **3**. Сарпӯшаки сӯрохиҳои асбоби нафасӣ.

**ПИТЕКА́НТРОП**, [< юн. pithekos маймун + anthropos одам]. *антр*. Қадимтарин одами мунқариз, ки аз ҷиҳати сохти устухон ба *антропоидҳо* наздик аст; боқимондаҳои П.-ро соли 1891 духтури даниягӣ Э. Дюбуа дар ҷазираи Ява пайдо карда буд. || Мқс. архантроп, неандерталетс.

**ПИТО́Н**, [< юн. Python – номи мори афсонавие, ки Аполлон куштааст]. Мори калони безаҳр аз оилаи морҳои печон, ки дар минтақаҳои тропикӣ ва субтропикии Африқо, Осиёи Ҷанубӣ ва Ҷануби Шарқӣ паҳн шудааст; дарозиаш то 10 м (22 намуд). || Мқс. анаконда.

**ПИ́ТСА (ПИ́ЦЦА)**, [ит. pizza]. Таоми анъанавии мардуми Италия – хамири тунуке, ки дар рӯяш пораҳои майдаи гӯшт, панир, ҳасиб, занбурӯғ, сабзавот гузошта, аз болояш қайлаи помидор молида мепазанд.

**ПИТСЕ́РИЯ (ПИЦЦЕ́РИЯ)**, [< *питса*]. Питсахона; ошхоне, ки дар он *питса* мепазанд.

**ПИ́ТТИНГҲО**, [англ. pitting захмдор]. Ковокиҳои зангзадаи ҷойҳои нуқсондори металл.

**ПИТЧ,** [англ. pitch]. *тиҷ*. Тавсифи мухтасари лоиҳа ба фармоишгар ё харидори имконпазир.

**ПИ́ТЧИНГ**, [англ. pitching]. *тиҷ*. Муаррифии лоиҳа ба фармоишгар ё харидори имконпазир.

**ПИУРИ́Я**, [< юн. pyon мадда, фасод + uron пешоб]. *тиб*. Пешоби фасоднок; ихроҷи фасод бо пешоб ҳангоми бемориҳои гурда, роҳҳои пешоб ё ғадудҳои *простата*.

**ПИФАГОРИ́ЗМ**, [< юн. Pythagoras Пифагор + пасв. -*изм*]. *фалс*. Таълимоти пайравони файласуфи Юнони Қадим Пифагор дар бораи он ки таносуби миқдорӣ моҳияти ашёро ташкил медиҳад.

**ПИФФЕРА́ТО, ПИФФЕРА́РО,** [ит. pifferato]. Навозандаи найанбон (*пифферо*); пифферонавоз.

**ПИ́ФФЕРО**, [ит. piffero]. Найанбон; найи бо ёрии анбон (машк) навохташаванда, ки дар Италия машҳур аст.

**ПИ́ХТА**, [ол. Pichte]. Дарахти ҳамешасабзи сӯзанбарг аз оилаи санавбарҳо (тақр. 40 намуд); бештар дар кӯҳҳо мерӯяд; чӯбашро дар сохтмон, инчунин дар тайёр кардани асбобҳои мусиқӣ истифода мебаранд, аз шоху баргаш равған мегиранд.

**ПЙЕ (ПЬЕ)**, [исп. pie]. Воҳиди дарозӣ дар Испания, Белгия ва баъзе мамлакатҳои Амрикои Лотинӣ, ки ба 27,83 см (дар Белгия – ба 32,48 см) баробар аст.

**ПЙЕ́ЗА (ПЬЕ́ЗА),** [< юн. piezo мефишорам]. *физ*. Воҳиди фишор (пз); ба фишори қувваaш 1 *стен* ба 1 м$^2$ баробар буда, 1000 *паскалро* ташкил медиҳад.

**ПЙЕЗОКВА́РТС (ПЬЕЗОКВА́РЦ)**, [< юн. piezo мефишорам + *квартс*]. Тахтачаи булӯри кӯҳӣ (*квартс*), ки бо усули махсус аз кристалли калон (*монокристалл*) бурида гирифта шудааст; бо таъсири майдони электрии тағйирёбанда лаппиш мехӯрад; дар *радиотехника* истифода мешавад.

**ПЙЕЗО́МЕТР (ПЬЕЗО́МЕТР)**, [< юн. piezo мефишорам + *…метр*]. *тех*. Асбоб барои чен кардани дараҷаи фишурдашавии моеот, газҳо ва ҷисмҳои сахт.

**ПЙЕ́КСИ (ПЬЕ́КСИ)**, [фин. pieksi]. Пойафзоли махсус барои лижаронӣ.

**ПЙЕ́СА (ПЬЕ́СА)**, [фр. piece]. Асари драмавӣ ё мусиқӣ.

**ПЛАГИА́Т**, [< лот. plagio медуздам]. Асардуздӣ; бо номи худ чоп кардани асари шахси дигар; дар асари худ айнан истифода бурдани порчаҳои асари бегона.

**ПЛАГИА́ТОР**, [< *плагиатор*]. Асардузд; шахсе, ки бо *плагиат* машғул аст.

**ПЛАГИОКЛА́З**, [< юн. plagios уреб + clasis қабат]. *маъд*. Минерали ҷинсофар – алюмосиликати натрий ва калсий; дар таркиби бисёр ҷинсҳои тафтавӣ (магмавӣ) вуҷуд дорад; баъзе намудҳои П. (мас., оликоглаз ва лабрадор) чун санги ороишӣ истифода мешаванд.

**ПЛАЗ**, [фр. place ҷой]. Хонаи калон дар корхонаи киштисозӣ, ки дар рӯи фарши сиёҳи ҳамвори он нақшаи намуди берунии киштӣ ва қисмҳои алоҳидаи он дар андозаи ҳақиқӣ (*натура*) кашида мешавад.

**ПЛА́ЗМА,** [< юн. plasma сохташуда]. **1**. *биол*. Қисми моеи хун; дорои *лейкоситҳо*, *тромбоситҳо* ва *эритроситҳо* мебошад. **2**. *биол*. Ниг. *протоплазма*. **3**. *физ*. Гази сахт ионизатсияшудае, ки дар он миқдори зарядҳои мусбату манфӣ баробар аст.

**ПЛАЗМАГЕ́НҲО**, [< *плазма* + *ген*]. *биол*. Генҳое, ки дар КДН (ДНК)-и *хлоропластҳо, митохондрийҳо* ва диг. унсурҳои бофта вуҷуд доранд; ноқилони ирсияти ситоплазмӣ ба шумор мераванд. || Мқс. пластом, ситоплазмон.

**ПЛАЗМАЛЕ́ММА**, [< *плазма* + lemma парда, пӯст]. *биол*. Пардаи (*мембранаи*) плазмавие, ки *протоплазмаи* бофтаҳои растанӣ ва ҳайвонотро иҳота намудааст.

**ПЛАЗМАТРО́Н, ПЛАЗМОТРО́Н**, [< *плазма* + *элек(трон)*]. *физ. Генератори* плазма; асбоби тахлиякунандаи газ барои ҳосил намудани *плазмаи* ҳарораташ паст (то $10^4$К).

**ПЛАЗМОГА́МИЯ**, [< *плазма* + *...гамия*]. *биол.* Ҳангоми бордоршавӣ ба якдигар пайваст шудани танҳо *ситоплазмаҳои* ҳуҷайраҳои ҷинсии нарина ва модина; пайвастшавии мағзҳои онҳо пештар ба амал меояд.

**ПЛАЗМО́Н**, [< *плазма* + *...гамия*]. **1**. *физ*. Квазизарра; кванти лаппиши зичии *плазма*, ки боиси лаппиши шиддати майдони электрӣ мегардад. **2**. *биол*. Маҷмуи ноқилҳои ирсияти *ситоплазмавӣ*.

**ПЛАЗМОХИ́МИЯ**, [< *плазма* + *химия*]. Фасли химия; равандҳои химиявиеро таҳқиқ мекунад, ки дар плазмаи пастҳарорат ба амал меоянд.

**ПЛАКА́Т**, [< лот. placatum шаҳодатнома]. **1.** Навъи графика. **2**. Вараҷи калони дорои сурати рангаи назаррабо ва матни кӯтоҳ, ки барои ташвиқот, реклама, даъват, иттилоъдиҳӣ ва ғ. таъйин шудааст.

...**ПЛАН**, [< лот. planum сатҳ, ҳамворӣ]. Қисми охири калимаҳои мураккаб, ки воситаҳои наҷлиёти ҳавоиро ифода мекунад, мас., *аэроплан, гидроплан*.

**ПЛАНЁР**, **ПЛА́НЕР**, [фр. planeur]. Олати парвозкунандаи бемуҳаррик, ки аз ҳаво вазнинтар аст.

**ПЛАНЕРИ́ЗМ**, [< *планер* + пасв. -*изм*]. **1**. Назария ва амалияи парвоз бо *планёр*. **2**. Намуди варзиш: парвоз бо планёр.

**ПЛАНЕТА́РИЙ**, [лот. planetarium]. **1**. Дастгоҳе, ки ба воситаи он дар экрани гунбадшакл осмони ситоразор, ҳаракати Офтоб, сайёраҳо, радифҳо ва дигар ҷирмҳои осмонӣ намоиш дода мешавад. **2**. Номи муассисаи илмию маърифатӣ, ки дар он аз астрономия, кайҳон ва кайҳоннавардӣ маърӯзаҳо мехонанд ва ҳамзамон бо ёрии ҳамин дастгоҳ осмони маснуъ ва ҷирмҳои осмониро нишон медиҳанд.

**ПЛАНЕТОЛО́ГИЯ**, [< *планета* + *...логия*]. Сайёрашиносӣ; фасли *астрономия*, ки хосиятҳои физикии сайёраҳо ва *атмосфераи* онҳоро меомӯзад.

**ПЛАНИМЕ́ТР**, [< лот. planum сатҳ, ҳамворӣ + ...*метр*]. *геом*., *тех.* Асбоб барои чен кардани масоҳати ашколи (*фигураҳои*) мусаттаҳи тарҳашон нодуруст дар нақша ё харита. || Мқс. палетка.

**ПЛАНИМЕ́ТРИЯ**, [< лот. planum сатҳ, ҳамворӣ + ...*метрия*]. Фасли *геометрия*, ки ашколи (*фигураҳои*) мусаттаҳро меомӯзад. || Мқс. стереометрия.

**ПЛАНИСФЕ́РА**, [< лот. planum сатҳ, ҳамворӣ + юн. sphaira кура]. Харитаи осмон ё замин дар шакли нимкураҳо.

**ПЛАНКТО́Н**, [< юн. planktos саргардон]. Маҷмуи ҷонварoне, ки дар об зиндагӣ мекунанд; онҳо бар хилофи *нектон* худ ҳаракат карда наметавонанд ё ба дараҷае

камҳаракатанд, ки ба ҷараёни об муқобилият нишон дода натавониста, ҳамроҳи он маконашонро дигар мекунанд. || Мқс. нейстон, плейстон.

**ПЛАНТА́Ж**, [< лот. plantare ниҳол шинондан]. *кшв*. Чуқур шудгор кардани (то 49 – 80 см) замини ниҳолхонаҳо, токзорҳо, боғҳо.

**ПЛАНТА́ТОР**, [< *плантатсия*]. Соҳиби *плантатсия*.

**ПЛАНТАТСИЯ (ПЛАНТА́ЦИЯ)**, [< лот. plantare ниҳол шинондан]. **1**. Дар мамлакатҳои иқлимашон гарм – хоҷагии калони кишоварзӣ, ки асосан зироатҳои техникӣ ва хӯрокворӣ парвариш мекунад, аз қабили какао, қаҳва, найшакар, пахта чой ва м. инҳо. **2**. Қитъаи калони замин, ки дар он зироате кишт карда шудааст, мас., П.-и лаблабуи қанд.

**ПЛАНША́ЙБА**, [ол. Plansheibe]. *тех*. Манганалаълӣ; ҷиҳози лаъличамонанди дастгоҳи металлбурӣ, ки маснуоти буридашаванда ё тарошидашавандаро ба сӯрохиҳои он бо *болтҳо* васл мекунанд.

**ПЛАНШЕ́Т**, [фр. planchette]. **1**. Ҷузвдони рӯяш шаффоф барои гирифта гаштани харита. **2**. *геод.* Тахтаи чоркунҷае, ки ба рӯяш коғази нақшакашӣ часпонда шудааст.

**ПЛА́СТИК**, [ол. Plastik < юн. plastike муҷассама]. Масолеҳе, ки аз пластмасса тайёр карда мешавад; барои рӯйпӯш кардан ё ороиш додани ягон қисми хона, мебел, инчунин тайёр кардани маснуоти гуногун истифода мебаранд.

**ПЛА́СТИКА**, [< юн. plastike гаҷкорӣ, муҷассамасозӣ]. **1.** Санъати ҳайкалсозӣ, муҷассамасозӣ. **2**. Ҳаракатҳои зебову мавзуни бадан, мас., дар вақти рақс. **4**. *тиб*. Ҷарроҳии пластикӣ; ҷарроҳӣ бо мақсади барқарорсозии шакл ва кори узвҳои зарардида (мас., аз сӯхтор, садама),ислоҳи узвҳои нодуруст инкишофёфта, инчунин зеботар кардани намуди зоҳирии узвҳои гуногуни бадан.

…**ПЛАСТИКА**, [< юн. plastike гаҷкорӣ, муҷассамасозӣ]. Қисми охири калимаҳои мураккаб, ки бо ҷарроҳии пластикӣ (барқарорсозии шакл ва кори узвҳо) робита доштанро ифода мекунадмас., *артропластика*.

**ПЛАСТИЛИ́Н**, [< юн. plastike гаҷкорӣ, муҷассамасозӣ]. Хамираи гуногунранге, ки аз гил, мум, равған тайёр карда мешавад ва бо он ҳар хел чизҳо сохтан мумкин аст (асосан барои кӯдакон таъйин шудааст).

**ПЛА́СТИР (ПЛА́СТЫРЬ)**, [< лот. plastrum гаҷ]. **1**. Марҳам; матои часпак, ки ба рӯяш дору молида шудааст; ҳангоми баъзе бемориҳо ба рӯи пӯст мегузоранд. **2**. Ҳамин гуна матои часпак барои дошта истодани пахта ё докаи ба ҷароҳат гузошташуда; *лейкопластир* низ гӯянд.

**ПЛАСТИФИКА́ТОРҲО**, [< юн. plastikos чандир, нарм]. *хим*. Моддаҳое, ки ба масолеҳи полимерӣ (мас., пластмасса, резин ва ғ.) барои нарму чандир шуданашон илова мекунанд.

**ПЛАСТО́М**, [< юн. plastos сохташуда]. *биол.* Маҷмуи ноқилони ирсияти ситоплазмавӣ (ниг. *ситоплазма*).

**ПЛА́ТА**, [< юн. platys ҳамвор]. Лавҳаи ҳамвори электрногузар, ки дар рӯи он асбобу қисмҳои гуногуни электрӣ, электронӣ, радио ва ғ. насб карда мешавад.

**ПЛАТА́Н**, [лот. platanus]. Чинор.

**ПЛАТИБЕЛО́ДОН**, [< юн. platys ҳамвор + belone тез + odus дандон]. *пал.* Ҳайвони хартумдори мунқариз, ки дар давлаи *миотсен* зиндагӣ кардааст; ҷоғи поёнаш якҷоя бо дандонҳои ашк ба бели калоне шабоҳат дошт.

**ПЛАТИКЕФА́ЛИЯ , ПЛАТИСЕФА́ЛИЯ (ПЛАТИЦЕФА́ЛИЯ)**, [< юн. platys ҳамвор + kephale сар, калла]. *тиб.* Сарпачақӣ. || Мқс. брахикефария, микрокефалия.

**ПЛА́ТИНА**, [исп. platina]. Элементи химиявии гурӯҳи VIII системаи даврӣ (Pt); металли сафеди хокистарранг, душворгудоз, қиматбаҳо.

**ПЛАТИНОТРО́Н**, [< юн. platyno васеъ мекунам + *(элек)трон*]. *тех.* Асбоби электровакуумӣ барои пурқувваат ва ғун кардани лаппишҳои фавқулбасомад; дар *радиопередатчикҳо* ва *локаторҳо* истифода мебаранд.. || Мқс. магнетрон.

**ПЛАТО́**, [< юн. platys ҳамвор]. **1**. Ҳамворие, ки дар баландӣ воқеъ шудааст (баландтар аз заминҳои атрофаш). **2**. *кӯҳна.* Лаълии ҳамвор (атрофаш бе деворача).

**ПЛАТОНИ́ЗМ**, [< юн. Platon Афлотун + пасв. *-изм*]. **1**. *фалс.* Афлотуния; таълимоти файласуфи Юнони Қадим Афлотун (Платон) ва пайравони ӯ, ки олами ирфонии идеяҳои фавқулҳиссиро асоси ҳастӣ дониста, онро ба олами воқеии ашё муқобил мегузоштанд. **2**. Шавқу рағбати соф маънавӣ, беҳиссиётӣ (дар муҳаббат, иштиғол ва ғ.).

**ПЛАТС (ПЛАЦ)**, [фр. plase майдон]. Машқгоҳ; майдони машқи сарбозон.

**ПЛАТСДА́РМ (ПЛАЦДА́РМ),** [фр. plase d'armes майдон барои лашкар]. **1**. Мавзее, ки дар он амалиёти ҳарбие тайёр карда мешавад (мас., барои ҳамла овардан ба душман). **2**. *маҷ.* Нуқтаи сароғоз.

**ПЛАТСЕ́БО (ПЛАЦЕ́БО)**, [фр. placebo < лот. placare ором кардан]. *тиб.* Доруе, ки ягон таъсири муолиҷавӣ надорад ва танҳо барои ором намудани (таскини дили) бемор дода мешавад.

**ПЛАТСЕ́НТА (ПЛАЦЕ́НТА)**, [лот. placenta]. **1**. *физиол.* Ҳамроҳак; узви зан, ширхӯрони модина, *акулаҳои* зиндазо ва баъзе ҳайвоноти диг., ки дар вақти ҳомила буданашон ташаккул ёфта, барои мубодилаи моддаҳо дар байни ҷанин ва бадани модар хизмат мекунад.

**ПЛАТСКА́РТА (ПЛАЦКА́РТА)**, [ол. Platzkarte < Platz ҷой + Karte корт, чипта]. Платсчипта, платскорт; чиптаи махсус барои ҷои рақамдор дар вагон.

**ПЛАТФО́РМА**, [фр. plate-forme < plat ҳамвор + forme шакл]. **1**. Майдончаи истгоҳи роҳи оҳан; ниг. инчунин *перрон*. **2**. Вагони болокушоди бедевори боркаш. **3**. Истгоҳи хурди роҳи оҳан. **4**. Таълимоти назариявӣ, барномаи амалиёти ягон ҳизб, гурӯҳ, ташкилот ё ходими сиёсӣ. **5**. *маҷ*. Замина; имконият.

**ПЛАФО́Н**, [фр. plafond сақф]. **1**. *меъм*. Сақфи гаҷкоришуда, мунаққаш, нақшу нигордор. **2**. Сарпӯши чароғ; ниг. инчунин *абажур*.

**ПЛАШКО́УТ**, [ҳол. plaatschuit]. Киштии хурди тагҳамвор барои боркашонӣ дар бандар; инчунин ба сифати пояи (такягоҳи) пулҳои шиновар хизмат мекунад.

**ПЛЕБЕ́ЙҲО, ПЛЕБС**, [лот. plebejus фуқаро]. **1**. Намояндагони табақаи поёни аҳолии озоди (ғуломнабудаи) Рими Қадим; аввалҳо П. ҳуқуқҳои сиёсӣ надоштанд (бар хилофи *патритсийҳо*, ки дорои чунин ҳуқуқҳо буданд). **2**. Косибон ва дигар мардуми меҳнаткаши муфлису бенаво дар шаҳрҳои асримиёнагии Аврупои Ғарбӣ.

**ПЛЕБИСТСИ́Т (ПЛЕБИСЦИ́Т)**, [< лот. plebiscitum қарори мардум]. **1**. Ниг. *референдум*. **2**. Қарори маҷлиси *плебейҳо* дар Рими Қадим.

**ПЛЕ́ВРА**, [< юн. pleura паҳлӯ]. *анат*. Пардаи шуш; шушпарда.

**ПЛЕВРИ́Т**, [< *плевра*]. *тиб*. Газаки пардаи шуш.

**ПЛЕЗИА́НТРОП**, [< юн. plesios наздик + anthropos одам]. *пал*. Маймуни одамшакли мунқариз, ки ба *австралопитек* наздик аст.

**ПЛЕЗИОЗА́ВР**, [< юн. plesios наздик + *...завр*]. *пал*. Хазандаи калони баҳрии давраи *мезозой*, ки гардани дароз ва каллаи нисбатан хурд дошт; дарозиаш то 15 м.

**ПЛЕЙ-А́УТ**, [англ. play out]. *варз*. Чунин низоми бозиҳои варзишӣ, ки мувофиқи он дастае, ки яке аз ҷойҳои охиринро ишғол намудааст, аз мусобиқаҳои минбаъда хориҷ карда мешавад. || Мқс. плей-офф.

**ПЛЕ́ЙЕР**, **ПЛЕ́ЕР**, [< англ. play бозӣ, бозӣ кардан]. Стереомагнитофони кисагӣ барои шунидани мусиқӣ, суруд ба воситаи гӯшмонакҳо.

**ПЛЕЙМЕ́ЙКЕР**, [< англ. play бозӣ + to make кардан, ташкил кардан]. *варз*. Бозигари дастаи варзишӣ (мас., дар футбол, баскетбол ва ғ.), ки бо бозии моҳиронаи худ барои ҳуҷум вазъиятҳои хуб ба вуҷуд меорад; ташкилкунандаи (ташаббускори) ҳуҷум.

**ПЛЕЙОТРОПИ́Я**, [< юн. pleion бисёр + tropos гардиш]. *биол*. Таъсири як *ген* якбора ба чандин аломати организм.

**ПЛЕЙ-ОФФ**, [англ. play-off < play бозӣ + off берун]. *варз*. Дар бозиҳои варзишӣ (мас., дар футбол) – чунин мусобиқае, ки дастаи бойдода аз мусобиқаҳои оянда хориҷ карда мешавад; бозии (давраи, мусобиқаи) бохтибаро. || Мқс. плей-аут.

**ПЛЕ́ЙСТОН,** [< юн. plein дар рӯи об шино кардан]. *биол.* Маҷмуи организмҳои обие, ки як қисми танаашон аз об болост, мас., баъзе обсабзҳо. || Мқс. нейстон, нектон, планктон.

**ПЛЕЙСТОСЕ́ЙСТА**, [< юн. pleion бисёр + seistos ларзида]. *геол.* Хат дар харитаи географӣ, ки нуқтаҳои заминҷунбии саттаринро бо якдигар пайваст мекунад. || Мқс. изосейста.

**ПЛЕЙСТОТСЕ́Н (ПЛЕЙСТОЦЕ́Н)**, [< юн. pleion бисёр + kainos нав]. *геол.* Охири давраи *антропоген*; дар ин давра шаклҳои нави ҳаёт ба вуҷуд омаданд ва номаш аз ҳамин ҷост.

**ПЛЕКСИГЛА́С**, [ол. Plexiglas < лот. plexus бофташуда + ол. Glas шиша]. Шишаи органикӣ; *пластмассаи* шаффоф.

**ПЛЕКСИ́Т**, [< лот. plexus бофташуда]. *тиб.* Варами печокҳои асаб.

**ПЛЕКТР**, [< лот. plexus бофташуда]. *мус.* Мизроб; нохунак; олати майдаи тунук ва нӯгтез, ки бо он асбоби мусиқии торӣ (мас., рубоб, танбӯр, гитор ва ғ.) менавозанд; *медиатор* низ гӯянд.

**ПЛЕ́НУМ**, [лот. plenum пурра]. **1**. Маҷлиси умумӣ; маҷлисе, ки бо иштироки ҳамаи аъзои мақоми роҳбарикунандаи интихобӣ баргузор мегардад. **2**. Маҷлиси аъзои мақоми олии судӣ дар ҳайати пурра.

**ПЛЕНЭ́Р**, [фр. plein air ҳавои кушод]. *санъ.* Расмкашӣ дар ҳавои кушод, дар оғӯши табиат, дар расм акс кунондани рангу тобишҳои табиии муҳит.

**ПЛЕОНА́ЗМ**, [лот. pleonasmos барзиёд, аз ҳад зиёд]. *збш.* Дар ҷумла паиҳам истифода бурдани калимаҳои наздикмаъно ё ҳаммаъно бо мақсади равшантар ифода намудани фикр, мас, "тарсу ваҳм", "кайфу сафо", "савту наво".

**ПЛЕОХРОИ́ЗМ**, [< юн. pleion бисёр + chroma ранг]. *маъд.* Бо рангҳои ҳархела ҷило додани кристаллҳои баъзе минералҳо ҳангоми тоб додани онҳо ба самтҳои гуногун.

**ПЛЕТИЗМО́ГРАФ**, [< *плетизмография*]. *тиб.* Асбоб барои барои муайян кардани тағйири ҳаҷми узвҳои бадан вобаста ба ҳолати рагҳои хунгард.

**ПЛЕТИЗМОГРА́ФИЯ,** [< юн. plethysmos калон шудан + *...графия*]. *тиб.* Муайян кардани тағйири ҳаҷми узвҳои бадан (мас., ангуштон, дасту по, гӯшҳо ва ғ.) бо ёрии *плетизмограф*.

**ПЛЕТО́РА**, [< юн. plethore пуршавӣ]. *тиб.* Серхунӣ, пурхунӣ; зиёдшавии миқдори умумии хун дар тамоми бадан ё дар ягон узв.

**ПЛЕЯ́ДА**, [< юн. Pleias]. Гурӯҳи ходимони бузурги як давр, як соҳа, як равия. || Мқс. когорта.

**ПЛЕЯ́ДАҲО**, [юн. Pleias]. **1**. Дар асотири юнониёни Қадим – ҳафт духтари Атланта, ки худоҳо ба бурҷҳои осмонӣ табдил додаанд. **2**. *астр*. Ситораҳои равшан дар бурҷи Савр.

**ПЛИНТ**, [юн. plinthos тахта, тахтасанг]. *меъм*. Зерсутун; тахтасанги чоркунҷаи зери сутун.

**ПЛИ́НТУС,** [юн. plinthos тахта]. **1**. Зеҳтахта; тахтаи борике, ки бо он роғҳои байни фарш ва деворро мепӯшонанд. **2**. *меъм*. Ҷои барҷастаи зери девори беруни иморат.

**ПЛИОЗА́ВР**, [< юн. pleion калон + ...*завр*]. *пал*. Хазандаи калони баҳрии давраҳои юра ва бӯр аз гурӯҳи *плезиозаврҳо*, ки каллаи ниҳоят калон (то 3 м) ва гардани кӯтоҳ дошт.

**ПЛИОПИТЕ́КҲО**, [< юн. pleion калон + pithekos маймун]. *пал*. Маймунҳои одамшакли мунқариз, аҷдоди *гиббонҳои* имрӯза.

**ПЛО́МБА**, [фр. plomb сурб]. **1**. Пораи сурб ё ягон маводи мулоими чандир, ки ба он муҳр зада, ба дари бино, анбор, вагон, ҷевон, асбобу таҷҳизот ва ғ. меовезанд. **2**. *тиб*. Хамираи сахтшавандае, ки бо он сӯрохии дандонро пур мекунанд.

**ПЛОМБИ́Р**, [фр. Plombieres - номи шаҳр дар Фаронса]. **1**. Навъи яхмоси маскагӣ, ки ба он инчунин шоколад, чормағзи кӯфта ва м. инҳо илова мекунанд. **2**. Асбоби анбӯрмонанд барои гузоштани *пломба* (маънои 2).

**ПЛО́ТТЕР**, [англ. plotter < to plot нақша кашидан]. *инф*. Ҷиҳози компютер барои кашидани нақша, унсурҳои ороиш ва реклама, расм, харита ва диг. иттилооти графикӣ.

**ПЛУТОКРА́ТИЯ**, [< юн. plutos сарватманд + kratos ҳокимият]. **1**. Сохти сиёсие, ки дар он як гурӯҳ доротарин намояндагони синфи ҳукмрон давлатро идора мекунанд. **2**. Дороён, сарватмандон.

**ПЛУГ**, [рус < англ. plough]. *кшв*. Сипор; олати кишоварзӣ барои шудгори замин.

**ПЛУТО́Н**, [юн. Pluton]. **1**. Дар асотири юнониёни қадим – худои сарватҳои зеризаминӣ ва олами мурдаҳо. **2**. *астр*. Сайёраи хурдтарин ва аз Офтоб дуртарини системаи офтобӣ, ки соли 1930 кашф шудааст; пештар сайёраи нӯҳум ҳисоб карда мешуд, вале соли 2006 аз рӯихати сайёраҳо хориҷ карда шуд.

**ПЛУТО́НИЙ**, [< юн. Pluton – номи сайёра]. Элементи химиявии радиоактивӣ; металли сафеди нуқрафом аз гурӯҳи III системаи даврӣ, ки *изотопҳои* он барои ҳосил намудани энергияи ядроӣ истифода мешаванд.

**ПЛЮВИО́ГРАФ**, [< лот. pluvia борон + ...*граф*]. Боронсанҷ; асбоби худнавис барои сабти миқдори борон, шиддат ва вақти боридани он.

**ПЛЮ́МБУМ**, [лот. Plumbum]. Номи сурб, ки дар вақти даҳанакӣ гуфтани формулаҳои химиявӣ истифода мешавад.

**ПЛЮР**, [фр. pelure пӯст]. Коғази шаффофи часпак, ки дар *литография* истифода мешавад.

**ПЛЮРАЛИ́ЗМ,** [< лот. pluralis бисёр + пасв. *-изм*]. **1**. *фалс*. Таълимоти фалсафие, ки мувофиқи он мабдаъҳои зиёди мустақили ҳастӣ вуҷуд доранд ва онҳо асоси оламро ташкил медиҳанд. **2**. Гуногунфикрӣ; бисёрӣ ва гуногунии ғояҳо, равияҳо, ҷараёнҳо, ҳаракатҳо дар ҷомеа.

**ПЛЮРИЛАТЕРАЛӢ**, [< лот. pluralis бисёр ]. *ҳуқ*. Ш а р т н о м а и п л ю р и л а т е р а л ӣ – шартномаи байналмилалие, ки давлатҳои дигар низ ба он ҳамроҳ шуда метавонанд.

**ПЛЮС**, [< лот. plus бисёртар]. **1**. *мат*. Аломати ҷамъ ё бузургии мусбат (+); баръакси *минус*. **2**. *маҷ*. Афзалият, бартарият; ҷанбаҳои мусбати касе, чизе. **3**. Дар бораи обу ҳаво – аз сифр боло, гарм; баръакси *минус*.

**ПЛЮШ,** [< лот. pilus мӯй]. Як навъ матои пахтагӣ, пашмӣ ё абрешимии дарозпат, ки асосан барои рибоси рӯи занона ё рӯйкаш намудани мебел истифода мешавад.

**ПЛЯЖ,** [< фр. plage соҳил]. Ҷои махсус ҷиҳозонидашуда (бо реги маҳин, катчаҳо, ҳуҷрачаҳои либоскашӣ, *душ* ва ғ.) дар соҳили баҳр, кӯл, дарё барои оббозӣ ва офтобхӯрӣ.

**ПНЕВМА́ТИКА**, [< лот. pneuma бод, нафас]. *тех*. Таҷҳизоте, ки бо истифода аз энергияи ҳавои фишурда кор мекунад. || Мқс. гидравлика.

**ПНЕВМАТИКӢ**, [< *пневматика*]. *тех*. Мансуб ба *пневматика*; бо ёрии ҳавои фишурда коркунанда, мас., таппончаи П., *насоси* П. || Мқс. гидравликӣ.

**ПНЕВМО**..., [< лот. pneuma бод, нафас]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маъноҳои зерин: 1) бо ёрии ҳавои фишурда коркунанда; ба *пневматика* асосёфта, мас., *пневмоавтоматика*; 2) марбут бо ҳолат, муоина ё муолиҷаи роҳҳои нафаси одам ва ҳайвон, мас,. *пневмоторакс*.

**ПНЕВМОАВТОМА́ТИКА,** [< *пневмо*... + *автоматика*]. *тех*. Маҷмуи воситаҳои техникии автоматӣ, ки баланду пастшавӣ, инчунин сарфи гази фишурда ё ҳавои фишурдаро идора мекунанд.

**ПНЕВМОГРА́ММА**, [< юн. pneumon шуш + ...*грамма*]. *тиб*. Сабти графикии ҳаракатҳои нафаскашии қафаси сина бо мақсади тафтиши кори шуш.

**ПНЕВМО́ГРАФ**, [< юн. pneumon шуш + ...*граф*]. *тиб*. Асбоб барои сабти графикии ҳаракатҳои нафаскашии қафаси сина.

**ПНЕВМОГРА́ФИЯ,** [< юн. pneumon шуш + ...*графия*]. *тиб*. Сабти графикии ҳаракатҳои нафаскашии қафаси сина бо ёрии *пневмограф*.

**ПНЕВМОКО́КК**, [< юн. pneumon шуш + kokkos дон, дона]. *мкб*. Бактерияи лӯндашакл аз ҷинси *стрептококкҳо*, ки барангезандаи бемориҳои роҳи нафас ба шумор меравад.

**ПНЕВМОКОНИО́З**, [< юн. pneumon шуш + konia чанг, гард]. *тиб*. Бемории касбӣ – калон шудани бофтаҳои пайвасткунандаи шуш дар натиҷаи нафаскашии доимӣ аз ягон чанг, мас., чанги ангишт.

**ПНЕВМИКО́З**, [< юн. pneumon шуш + *микоз*]. *тиб*. Бомории шуш, ки занбӯруғчаҳои ангал бармеангезанд.

**ПНЕВМОНИ́Я,** [< юн. pneumon шуш]. *тиб*. Газаки шуш.

**ПНЕ́ВМОСКЛЕРО́З**, [< юн. pneumon шуш + *склероз*]. *тиб*. Сабзида калон шудани бофтаи пайвсткунандаи шуш дар натиҷаи нуқсонҳои дил; ба *бронхити* музмин ва бемориҳои шуш бурда мерасонад.

**ПНЕ́ВМОТО́РАКС**, [< юн. pneumon шуш + thorax сина]. *тиб*. Ҷамъ шудани ҳаво дар ковокии *плевра* дар натиҷаи осеб дидани девораҳои ковокии сина, газаки шуш ва пардаи он.

**ПОВИ́ДЛО**, [рус. < пол. powidla]. Мураббои ғализ (ғафс), ки бо роҳи ҷӯшондани меваи қима ва шакар ҳосил мешавад.

**ПОГОНОФО́РҲО**, [< юн. pogonophoros ришдор]. *зоол*. Ҷонварони бемуҳраи обии риштамонанд, ки дарозиашон аз якчанд см то 1,5 м аст; дар қаъри баҳр зиндагӣ мекунанд, сустҳаракатанд, узвҳои нафаскашӣ ва ҳозима надоранд.

**ПОГО́НҲО**, [рус.]. Нишони фарққунандаи рутбаи ҳарбиён, кормандони милитсия, роҳи оҳан, гумрук ва м. инҳо, ки дар сари китфи либоси расмӣ дӯхта мешавад.

**ПОДА́ГРА**, [юн. podagra]. *тиб*. Ниқрис; бемории буғуму бофтаҳо дар натиҷаи вайрон шудани мубодилаи моддаҳо дар бадан, зиёд гардидани кислотаи *карбамид* дар хун ва таҳшин шудани намак дар буғумҳо.

**ПО́ДИУМ**, **ПО́ДИЙ**, [лот. podium]. **1**. Дар Рими қадим – суфаи баланди курсидор дар сирк, амфитеатр ва ғ. барои тамошобинони олимартаба. **2**. Тахтасуфа дар толор, эстрада, намоишгоҳи мӯдҳои нав ва ғ.

**ПОДКА́СТ**, [англ. podcast]. Барномаи аудиоӣ ё видеоии дар шакли файл сохташуда, ки онро нусхабардорӣ кардан мумкин аст (барои шунидан ё тамошо кардан дар компютер ё телефони мобилӣ).

**ПОДКА́СТИНГ**, [англ. podcasting]. Ҷой додани подкастҳо (ниг. *подкаст*) дар интернет.

**ПОДПОЛКО́ВНИК**, [< рус. под поён + *полковник*]. Рутбаи ҳарбии афсарони артиш ва диг. мақомоти қудратӣ, ки аз *майор* боло ва аз *полковник* поён аст.

**ПОДПОРУ́ЧИК**, [< рус. под поён + *поручик*]. Рутбаи ҳарбӣ дар артиши Россияи тоинқилобӣ, ки аз *прапоршик* боло ва аз *поручик* поён аст.

**ПОДСТА́НСИЯ (ПОДСТА́НЦИЯ)**, [< рус. под поён + *стансия*]. Зеристгоҳ; истгоҳи ёрирасон (иловагӣ, фаръӣ)-и барқӣ – иншооти электротехникие, ки қувваи электри аз истгоҳи марказӣ омадаро тағйир дода, ба истеъмолкунандагон медиҳад.

**ПО́ЕЗД**, [< рус. поездка сайр]. Нақлиёти мусофиркаш ва боркаши роҳи оҳан, ки аз вагонҳои қатори ба ҳам пайваста иборат аст; бо ёрии *локомотив* (*паровоз, тепловоз, электровоз*) ҳаракат мекунад.

**ПОЗИТИ́В**, [лот. positivus мусбат]. **1**. Расме, ки аз рӯи *негатив* гирифта шудааст; бар хилофи негатив, дар П. равшанӣ ва рангҳо ба ҳақиқат мувофиқат мекунанд (баръакс нестанд). **2**. *збш.* Сифати муқоисавии мусбат. **3**. Ҳар чизи мусбат, хуб, хуш, гуворо.

**ПОЗИТИВИ́ЗМ**, [< лот. positivus мусбат + пасв. -*изм*]. Равияи фалсафие, ки солҳои 30-юми асри 19 ба вуҷуд омадааст; пайравони П. чунин мешуморанд, ки манбаи дониши ҳақиқӣ илмҳои махсус мебошанд, ки вазифаи онҳо танҳо тавсифу баён кардан ва ба тартиб даровардани далелҳост, на маънидод ва дарк намудани онҳо.

**ПОЗИТРО́Н**, [< лот. positivus мусбат + *(элек)трон*]. *физ.* Зарраи устувори элементарӣ, ки дорои *заряди* мусбат буда, аз рӯи бузургии мутлақ *масса* ва зарядаш ба масса ва заряди *электрон* баробар аст.

**ПОЗУ́МЕНТ**, [ол. Posament]. Шерозаи зардӯзӣ барои ороиши либос, пардаи тиреза ва ғ.

**ПО́ЙНТЕР**, [анг. pointer]. Зоти сагҳои кӯтоҳпашми шикорӣ.

**ПО́КЕР**, [анг. poker]. Навъи қартабозӣ.

**ПО́КЕТБУК, ПО́КЕТ**, [анг. pocket-book]. Китобчаи кисагӣ, одатан бо муқоваи нарм.

**ПОЛЕ́МИКА**, [< юн. polemikos душманона, ҷангҷӯёна]. Баҳс, мунозира дар ягон масъала. || Мқс. дебат, дискуссия, диспут.

**ПОЛЕМИ́СТ**, [< *полемика*]. Баҳскунанда; устоди баҳс; мунозирадӯст; шахсе, ки дар баҳсу мунозира маҳорати хуб дорад.

**ПОЛЕМОЛО́ГИЯ**, [< юн. polemos ҷанг + ...*логия*]. Ҷангшиносӣ; илм дар бораи ҷанг, сабабҳо, оқибатҳо ва роҳҳои пешгирии он.

**ПОЛИ**..., [< юн. poly бисёр]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «бисёр», мас., *полигамия, полиглот.*

**ПОЛИАМИ́ДҲО**, [*поли...* + *амидҳо*]. *хим. Полимерҳои* синтетикие, ки дар макромолекулаашон гурӯҳҳои амидии CONH доранд; моддаҳои шаффофи шишамонанд, дар истеҳсоли нахи сунъӣ (*капрон, нейлон* ва ғ.) истифода мешаванд.

**ПОЛИА́НДРИЯ**, [< *поли...* + юн. aner (andros) шавҳар]. *антр., этн.* Бисёршавҳарӣ; сершавҳарӣ; расми баъзе қабилаҳо, мас., тибетиён, ки мувофиқи он зан якчанд шавҳар дошта метавонад (шавҳарони зан одатан бародаронанд); баръакси *монандрия.* || Мқс. полигамия, моногамия.

**ПОЛИАРТРИ́Т**, [< *поли...* + юн. arthron буғум]. *тиб.* Ҳамзамон ё пасиҳам газак гирифтани якчанд буғум.

**ПОЛИАТЛО́Н**, [англ. polyathlon]. *варз.* Бисёрҳарбаи варзишӣ, ки аз тирандозӣ, *гимнастика*, давидан, пойга бо *лижа*, шиноварӣ ва ҳаво додани *граната* иборат аст.

**ПОЛИВАКСИ́НА (ПОЛИВАКЦИ́НА)**, [< *поли...* + *ваксина*]. *тиб.* Доруе, ки аз якчанд *ваксина* иборат аст; баданро якбора ба чандин беморӣ тобовар мегардонад.

**ПО́ЛИВИНИ́ЛХЛОРИ́Д**, [< *поли...* + *винил* + *хлорид*]. *хим.* *Полимери* синтетикӣ; моддаи сахти сафеде, ки аз он *плёнка*, қубур, чарми сунъӣ, зарф, бозичаҳои кӯдакона ва ғ. тайёр мекунанд.

**ПОЛИГАЛИ́Т**, [англ. polyhalite]. *маъд.* Минерал, сулфати мураккаби обии калий, калсий ва магний; аз П. нуриҳои минералӣ тайёр мекунанд.

**ПОЛИГА́МИЯ**, [< *поли...* + юн. gamos никох]. **1**. *антр., этн.* Бисёрникоҳӣ (серзанӣ, бисёрзанӣ, сершавҳарӣ, бисёршавҳарӣ); баръакси *моногамия.* || Мқс. полиандрия. **2**. *биол.* Дар давоми як мавсим бо якчанд модина ҷуфтӣ шудани ҳайвони нарина.

**ПОЛИГЕНИ́ЗМ**, [< *поли...* + юн. genos пайдоиш]. *антр.* Назарияе, ки мувофиқи он нажодҳои гуногуни инсон намуди ягонаи биологӣ набуда, дар минтақаҳои гуногуни кураи Замин аз маймунҳои гуногун пайдо шудаанд.

**ПОЛИГИНИ́Я**, [< *поли...* + юн. gyne зан]. *антр., этн.* Бисёрзанӣ, серзанӣ; баръакси *моногиния.* || Мқс. полиандрия, полигамия.

**ПОЛИГЛОБУЛИ́Я**, [< *поли...* + *глобулин*]. *тиб.* Ниг. *эритремия.*

**ПОЛИГЛО́Т**, [< *поли...* + юн. glotta забон]. Донандаи чандин забон.

**ПОЛИГО́Н**, [< *поли...* + юн. gonia кунҷ]. **1.** *геом.* Бисёркунҷа. **2**. *ҳарб.* Машқгоҳ; майдони машқи сарбоз; майдони озмоиши аслиҳа, техникаи ҳарбӣ ва ғ. **3**. Майдони кушоди муҷаҳҳаз барои тайёр (васл, насб) кардани қисмҳои гуногуни иморат, иншоот ва ғ. **4.** *маҷ.* Ҷой ё усули тасдиқ кардани дурустӣ ё нодурустии ягон назария, таълимот, ақида, фарзия ва ғ.

**ПОЛИГРА́Ф**, [< *поли...* + *...граф*]. Ниг. *детектор* (маънои 3).

**ПОЛИГРА́ФИ́Я**, [< *поли...* + *...графия*]. **1**. Соҳаи саноат, ки тамоми намудҳои истеҳсоли оммавии маҳсулоти чопиро дар бар мегирад. **2**. Маҷмуи таҷҳизоти техникӣ барои чопи рӯзнома, маҷалла, китоб, *плакат* ва диг. маҳсулоти чопӣ. **3**. *тиб.* Аксбардории рентгении такрор ба такрори ягон узв дар як *плёнка* бо мақсади муоинаи кори он узв, мас., ҳаракати рӯда.

**ПОЛИДАКТИЛИ́Я**, [< *поли...* + daktylos ангушт]. *анат., тиб.* Бисёрангуштӣ; нуқси модарзоди инкишоф, ки аз сабзиши ангушти (ангуштони) иловагӣ иборат мебошад.

**ПОЛИДИ́ПСИ́Я**, [юн. polidipsios сахт ташнамонда]. *тиб.* Ҳисси ташнагии сахт ҳангоми баъзе бемориҳо, мас., ҳангоми *диабети* қанд.

**ПОЛИИЗОБУТИЛЕ́Н**, [< *поли...* + *изо...* + *бутилен*]. *хим. Полимери* синтетикӣ, моддаи обакӣ ё сахти каучукмонанд; барои рӯйкаш кардани симҳо, тайёр кардани равғанҳои молиданӣ ва маснуоти диг. истифода мешавад.

**ПОЛИИМИ́ДҲО**, [< *поли...* + *имид*]. *хим.* Полимерҳои синтетикии сахт, бадошт ва ба гармӣ ва радиатсия тобовар; аз П. плёнка, пластмасса, ширеш, лок ва нахҳои гуногун тайёр мекунанд.

**ПОЛИКАРПӢ**, [< *поли...* + karpos мева]. *бот.* Р а с т а н и ҳ о и  П . – растаниҳое, ки дар тӯли ҳаёти худ якчанд маротиба ҳосил медиҳанд; баръакси *монокарпӣ.*

**ПОЛИКЛИ́НИКА,** [< *поли...* + *клиника*]. Дармонгоҳ; муассисаи табобатии бисёрсоҳае, ки ба беморон дар худи П. ё дар хонаашон ёрии гуногуни тиббӣ мерасонад.

**ПОЛИКСЕ́Н**, [< *поли...* + xenos бегона]. *маъд.* Минерал аз гурӯҳи платинаҳои худрӯй; аз 4 – 11% оҳан, такр. 7% иридий, инчунин аз омехтаҳои мис, никел, палладий ва ғ. иборат аст.

**ПОЛИМАСТИ́Я**, [< *поли...* + mastos сина, пистон]. *анат., тиб.* Бисёрпистонӣ, бисёрсинагӣ; нуқси модарзоди инкишофи одам ва ҳайвоноти ширхӯр, ки аз сабзиши пистони иловагӣ иборат мебошад.

**ПОЛИМЕ́РҲО**, [< юн. polymeres аз чандин қисм иборатбуда]. *хим.* Пайвастҳои химиявии табиӣ ё сунъие, ки макромолекулаҳояшон аз гурӯҳҳои якхела ва такроршавандаи атомҳо иборатанд; асоси тамоми нахҳои табиӣ ва сунъӣ, пластмасса, резин, ширеш, локу ранг ба шумор мераванд.

**ПОЛИМЕТАЛЛӢ**, [< *поли...* + *металл*]. *маъд.* Дорои чандин металл; м а ъ д а н ҳ о и  П . – маъданҳое, ки аз онҳо чандин металл гирифта мешавад.

**ПОЛИМОРФИ́ЗМ,** [< *поли...* + morphe шакл + пасв. *-изм*]. **1**. *биол.* Дар як намуди организм (ҳайвон, растанӣ) мавҷуд будани фардҳои гуногуншакл. **2**. *физ.* Бо таъсири ҳарорат, фишор ва ғ. ба худ шаклҳои гуногун гирифтани баъзе моддаҳои кристаллӣ.

**ПОЛИНЕВРИ́Т**, [< *поли...* + neuron тор, асаб]. *тиб.* Ҳамзамон газак гирифтани якчанд асаб. ‖ Мқс. невралгия, неврит.

**ПОЛИНО́М**, [< *поли...* + лот. nomen ном]. *мат.* Бисёрузва; якчанд якузвае, ки бо аломатҳои ҷамъ ё тарҳ бо якдигар пайваст мебошанд.

**ПОЛИНОМИНАЛӢ**, [< *поли...* + лот. nomen ном]. Ҳ а в з а и  п о л и н о м и н а л ӣ – ҳавзаи интихоботие, ки аз он якчанд вакил интихоб карда мешавад; баръакси *униноминалӣ.*

**ПОЛИОМИЕЛИ́Т,** [< юн. polios хокистарранг + myelos ҳароммағз]. *тиб.* Газаки моддаи хокистарранги ҳаромағз; бемории шадиди сироятие, ки ба он бештар кӯдакон мубтало мешаванд; аксари вақтҳо ба фалаҷӣ бурда мерасонад. ‖ Мқс. миелит.

**ПОЛИОЭНСЕФАЛИ́Т (ПОЛИОЭНЦЕФАЛИ́Т),** [< юн. polios хокистарранг + enkephalos мағзи сар]. *тиб.* Газаки моддаи хокистарранги мағзи сар. || Мқс. менингит, энсефалит.

**ПОЛИ́П**, [юн. polypus]. **1**. *тиб.* Озахи мӯякдор ё занбурӯғшакле, ки дар луобпардаҳои бинӣ, бачадон, меъда ва ғ. пайдо мешавад. **2**. *зоол.* Нишастазист; ҷонвари баҳрӣ аз оилаи рӯдаковокҳо, ки дар таги об нишаста зиндагӣ мекунад (як тарафи бадани силиндршаклаш ба замин часпидааст).

**ПОЛИРИТМИ́Я**, [< *поли...* + *ритм*]. *мус.* Дар асари мусиқӣ ҳамзамон истифода шудани якчанд оҳанг.

**ПОЛИС**[1], [юн. polis]. Шаҳр-давлат дар Юнони Қадим ва Рими Қадим.

**ПОЛИС**[2]**,** [фр. police]. **1.** Шаҳодатномае, ки ташкилоти суғурта ба одамон ё муассисаҳои ягон чизро суғуртакарда медиҳад. **2**. Шаҳодатномаи суғурта барои хизматрасонии ройгони тиббӣ, ки муассисаи табобатӣ (одатан дармонгоҳ) медиҳад.

**ПОЛИСАХАРИ́ДҲО,** [< *поли...* + sakchar қанд + eidos намуд]. *биол., хим.* Гурӯҳи ангиштобҳои (карбогидратҳои) мураккаб, ки ҳангоми *гидролиз* ба *моносахаридҳои* бисёр ҷудо мешаванд; намудҳои П.: *гликоген, дисахаридҳо, крахмалолигосахаридҳо, селлюлоза* ва ғ.; дар саноат васеъ истифода мешаванд.

**ПОЛИСЕМИ́Я**, [< *поли...* + sema аломат]. *збш.* Сермаъноии (чандмаъноии) калима, ибора.

**ПОЛИСЕНТРИ́ЗМ (ПОЛИЦЕНТРИ́ЗМ)**, [< *поли...* + *сентр*]. **1**. *антр.* Таълимот дар бораи он ки нажодҳои одами муосир дар минтақаҳои гуногуни кураи Замин аз якчанд шакли одами мунқариз пайдо шудаанд; баръакси *моносентризм*. **2**. *сиёс.* Дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ вуҷуд доштани якчанд марказ (*блок*, иттиҳод)-и давлатҳои муқтадир, ки муносибати байни онҳо ба кадом тараф майл намудани сиёсати умумиҷаҳониро муайян мекунад.

**ПОЛИСЕРОЗИ́Т,** [< *поли...* + serum зардоб]. *тиб.* Якбора газак гирифтани якчанд пардаи зардобӣ ҳангоми сил, тарбод ва бемориҳои диг.

**ПОЛИСИ́НДЕТОН**, [< *поли...* + syndeton пайвандак]. *збш.* Бисёрпайвандакӣ; дар ҷумла истифода шудани якчанд пайвандаки якхела, мас., пайвандаки "-у" дар мисраи зерини Фирдавсӣ: "ялонро сару синаву пову даст".

**ПОЛИСИТЕМИ́Я (ПОЛИЦИТЕМИ́Я)**, [< *поли...* + kytos ҳуҷайра + haima хун]. *тиб.* *Лейкоз* бо зиёд гардидани миқдори *гемоглобин* ва *эритроситҳо* дар хун; *эритремия* низ гӯянд.

**ПОЛИСМЕ́Н**, [англ. policeman < police политсия + man одам]. Корманди *политсия* дар ИМА, Англия ва баъзе мамлакатҳои диг. || Мқс. коп, мент, милитсионер, фараон.

**ПОЛИСТИРО́Л**, [< *поли...* + *стирол*]. Полимери сахти синтетикӣ, ки дар натиҷаи таҷзияи *стирол* ҳосил мешавад.

**ПОЛИТЕИ́ЗМ**, [< *поли...* + theos худо]. *фалс*. Бисёрхудоӣ; чандинхудоӣ; дине, ки вуҷуд доштани худоҳои бисёрро эътироф мекунад, мас., дини юнониён, римиён, мисриёни қадим; баръакси *монотеизм*.

**ПОЛИТЕХНИКӢ**, [< *поли...* + techne касб, ҳунар]. Мансуб ба соҳаҳои гуногуни техника, мас., донишгоҳи П.

**ПОЛИТЕ́ХНИКУМ**, [< *поли...* + techne касб, ҳунар]. Мактаби миёнаи махсусе, ки барои соҳаҳои гуногуни техника мутахассис тайёр мекунад. || Мқс. коллеҷ, техникум.

**ПОЛИТСА́Й (ПОЛИЦА́Й)**, [< ол. Polizei политсия]. Дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ – хоин аз байни аҳолии маҳаллӣ, ки дар минтақаҳои ишғолнамудаи немисҳо ба политсияи фашистӣ хизмат мекард.

**ПОЛИ́ТСИЯ (ПОЛИ́ЦИЯ)**, [англ. police < ол. Polizei политсия]. **1**. Пулис; мақомоти маъмурии амният ё ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ дар баъзе мамлакатҳо. **2**. Кормандони ҳамин мақомот. || Мқс. милитсия.

**ПОЛИУРИ́Я**, [< *поли...* + uron пешоб]. *тиб*. Серпешобӣ; аз меъёр зиёд ҷудо шудани пешоб. || Мқс. анурия.

**ПОЛИФА́ГҲО**, [< *поли...* + *...фаг*]. *зоол*. Ҳайвоноте, ки намудҳои зиёди ғизоро истеъмол мекунанд. || Мқс. монофагҳо.

**ПОЛИФА́ГИЯ**, [< *поли...* + phagein хӯрдан]. *тиб*. Пурхӯрӣ, бисёрхӯрӣ; одатан дар давраи инкишофи босуръати организми наврасон ё ҳангоми баъзе бемориҳо, мас., *диабети қанд*, мушоҳида мегардад.

**ПОЛИФИЛИ́Я**, [< *поли...* + phylon нажод, намуд]. **1**. *биол*. Тасаввурот дар бораи пайдоиши намудҳои ҳайвонот ва набототот аз шаклҳои зиёди ибтидоӣ; баръакси *монофилия*. **2**. *антр*. Таълимот дар бораи пайдоиши одами муосир аз намудҳои зиёди аҷдоди *антропоморфӣ* (одамшакл). || Мқс. полигенизм.

**ПОЛИФОНИ́Я**, [< *поли...* + *…фония*]. *мус*. Бисёровозӣ; ҳамзамон садо додани якчанд оҳанги мустақил ва бо якдигар мувофиқ; *контрапункт* низ гӯянд.

**ПОЛИФУРКА́ТСИЯ (ПОЛИФУРКА́ЦИЯ)**, [< *поли...* + *…фуркатсия*]. Ба самтҳои гуногуни таълим, мас., физикӣ-математикӣ, биологӣ, ҷамъиятшиносӣ ва ғ., ҷудо кардани талабагони синфҳои болоии мактабҳои миёнаи умумӣ.

**ПОЛИХРО́МИ́Я**, [< *поли...* + chroma ранг]. **1**. Бисёррангӣ, serрангӣ, гуногунрангии асарҳои меъморӣ ё санъати тасвирӣ. **2**. Бо якчанд ранг чоп кардани матн, сурат, харита ва ғ.

**ПОЛИЭ́ДР**, [< *поли...* + hedra рӯя]. *геом*. Бисёррӯя.

**ПОЛИЭТИЛЕ́Н**, [< *поли... + этилен*]. Полимери синтетикии дар ҷаҳон маъмултарин; моддаи сафед ё беранге, ки дар натиҷаи таҷзия ва коркарди *этилен* ҳосил мешавад; аз П. маводи бастапечонӣ, ғулба, зарф, нахҳои гуногун ва ғ. тайёр мекунанд.

**ПОЛ (ПОЛЬ)**, [англ. paul]. Воҳиди дарозӣ дар Британия, ки ба 5,0292 м баробар аст; *род* ё *перч* низ гӯянд.

**ПОЛК**, [рус.]. *ҳарб.* Қисми ҳарбии алоҳида, воҳиди асосии тактикии қӯшунҳои гуногун, ки ба ҳайати *дивизия* дохил мешавад. || Мқс. баталйон, дивизион, рота.

**ПО́ЛКА (ПО́ЛЬКА),** [чех. polka]. Як навъ рақси шӯхи чехӣ, инчунин мусиқии ҳамин рақс; ба шарафи дӯстӣ ва ҳамраъйии халқҳои чех ва поляк чунин номида шудааст.

**ПОЛКО́ВНИК**, [рус.]. *ҳарб.* Рутбаи ҳарбии афсари калон дар артиши баъзе мамлакатҳо, ки аз *подполковник* баландтару аз *генерал-майор* пасттар аст.

**ПОЛЛАКИУРИ́Я**, [< юн. pollakis зуд-зуд + uron пешоб]. *тиб.* Зуд-зуд пешоб кардан; ҳангоми ҳаяҷон, ҳомилагӣ, инчунин баъзе бемориҳои бачадон ва пешобдон рӯй медиҳад.

**ПОЛЛИНО́З**, [< лот. pollen гард]. *тиб.* Нафастангӣ, атса, сулфа ва ғ. (*аллергия*) аз гарди гул, растанӣ.

**ПОЛЛУСИ́Т (ПОЛЛУЦИ́Т)**, [аз номи қаҳрамони асотири юнониёни қадим Поллукс (лот. Pollux)]. *маъд.* Минерал, силикати сезар ва алюминий; аз П. асосан сезар мегиранд.

**ПОЛЛЮ́ТСИЯ (ПОЛЛЮ́ЦИЯ)**, [< лот. pollutio ифлос (ҳаром) кардан]. Эҳтилом; нутфарезии беихтиёри мард ҳангоми хоб; "шайтон задан", "шайтонӣ шудан".

**ПО́ЛО**, [англ. polo]. *варз.* Чавгонбозӣ; бозии варзишии дастаӣ, ки ҳангоми он бозигарони аспсавор кӯшиш мекунанд, бо чавгон тӯбро (гӯйро) ба дарвозаи ҳариф зананд; П.-и обӣ (*ватерполо*) – тӯббозии ду даста дар об, ки ҳар яке кӯшиш мекунад тӯбро ба дарвозаи ҳариф партояд.

**ПОЛОНЕ́З**, [< фр. polonaise полякӣ]. Рақси мутантани полякӣ, ки дар асри 18 дар Аврупо хеле маъмул гашта буд, инчунин асари мусиқие, ки ба ҳавои ҳамин рақс навишта шудааст.

**ПОЛОНИ́ЗМ**, [< фр. polonaise полякӣ]. *збш.* Калимаю ибораҳои аз забони полякӣ қабулшуда.

**ПОЛО́НИЙ**, [< лот. Polonia Полша]. Элементи химиявии радиоактивӣ, металли сафеди нуқратоб аз гурӯҳи VI системаи даврӣ (Po); чун манбаи нейтронҳо истифода мебаранд; ба шарафи ватани М. Склодовская-Кюри (1867 – 1934), ки якҷоя бо П. Кюри (1859 – 1906) ин элементро кашф намудааст, номгузорӣ шудааст.

**ПОЛТЕРГЕ́ЙСТ**, [ол. Poltergeist аҷина]. Ақидаи хурофотӣ – худ ба худ афтидан, ғайб задан, аз як ҷой ба ҷои дигар ҳаракат кардани ашёи хона, ки гӯё кори аҷина будааст.

**ПОЛЯРИЗА́ТОР**, [< *поляризатсия*]. *тех.* Асбоб барои ҳосил намудани рӯшноии поляризатсияшуда (ниг. *поляризатсия*).

**ПОЛЯРИЗА́ТСИЯ (ПОЛЯРИЗА́ЦИЯ)**, [фр. polarisation < юн. polos қутб]. *физ.* Қутбиш; қутбнокшавӣ; қобилияти баъзе ҷисмҳо барои равшантар зоҳир намудани хусусиятҳои асосиашон дар баъзе нуқтаҳо (қутбҳо)-и худ дар муқоиса бо нуқтаҳои (қутбҳои) дигар.

**ПОЛЯРИ́МЕТР**, [< *поляризатсия* + *...метр*]. *тех.* Асбоби оптикӣ барои чен кардани дараҷаи қутбиши (*поляризатсияи*) рӯшноӣ, инчунин кунҷи гардиши сатҳи қутбиш.

**ПОЛЯРО́ГРАФ**, [< *полярография*]. *тех.* Асбоб барои *полярография* (ниг. полярография).

**ПОЛЯРОГРА́ФИЯ**, [< *полярография* + *...графия*]. *физ., хим.* Усули таҳлили электрохимиявӣ, ки ба воситаи он вобастагии байни қувваи ҷараён ва таҷаммуи моддаҳое, ки ин ҷараёнро ба вуҷуд меоранд, муайян карда мешавад.

**ПОМЕРА́НЕТС (ПОМЕРА́НЕЦ)**, [< ит. pomo себ + arancia афлесун]. Ниг. *бигарадия*.

**ПОМЕ́ШИК (ПОМЕ́ЩИК),** [< рус. поместье мулк, замин ]. Амлдокдор, заминдори калон дар Россияи подшоҳӣ. || Мқс. феодал.

**ПОМИДО́Р**, [ит. pomodoro < pomo d′ oro себи тиллоӣ]. Сабзавоти буттагии маъмул аз оилаи авранҷиҳо; меваи мулоиму сершира дорад; ватанаш Амрикои Ҷанубист; *томат* низ гӯянд.

**ПОМОЛО́ГИЯ**, [< лот. pomum мева + *...логия*]. *кшв.* Мевашиносӣ; илм дар бораи дарахту растаниҳои мевадиҳанда.

**ПО́МПА**, [фр. pompe]. Обкашак; *насоси* обкаш.

**ПОМПАДУ́Р**, [аз номи маъшуқаи шоҳи Фаронса Людовики XV маркиза де Помпадур]. **1.** Ҳар чизи бодабдаба, боҳашамат, мас., курсии П. **2.** Маъмури худдонам, худсар. **3**. Як навъ рақси умумии фаронсавӣ дар асри 19.

**ПОМПО́Н**, [фр. pompon]. Пӯпаки кулоҳ, пойафзол ва ғ.

**ПО́НИ**, [англ. pony]. Тоту; зоти аспи қадпаст.

**ПОНТИ́ФЕКС, ПОНТИ́ФИК**, [лот. pontifex]. Яке аз унвонҳои папаи Рим.

**ПОНТИФИКА́Т**, [< *понтифекс*]. Ҳокимият ва давраи ҳукмронии папаи Рим.

**ПОНТО́Н**, [< лот. pons пул, купрук]. **1**. Завраҳи тагҳамвор, ки чун такяи пул ё диг. иншооти муваққатӣ хизмат мекунад. **2**. Ҷиср; пули шиновар.

**ПО́НЧИК**, [рус. < пол. paczek]. Кулчаи ширини дар равған пухташуда.

**ПОП**, [< лот. popa ёвари коҳин]. Кашиш дар мазҳаби православӣ.

**ПОП-...**, [англ. pop < popular мардумӣ]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «оммавӣ», «халқӣ», «мардумӣ», «дастраси ҳамагон», «маъмулшуда», мас., поп-мусиқӣ, поп-ансамбл.

**ПОП-А́РТ**, [англ. pop-art санъати оммафаҳм]. Равияе дар санъати тасвирии муосир, ки ашёи гуногун, мас., плакатҳо, рӯзномаҳои кӯҳна, қуттиҳои коғазӣ, асбобу анҷоми рӯзгор ва ғ.-ро барои офаридани композитсияҳои муайян истифода мебарад.

**ПОПКО́РН,** [англ. popcorn]. Ҷуворибирён, ҷуворипахта; донаҳои ҷуворӣ, ки баъди тасфондан дар тафдони махсус "таркида", мисли пахта мешукуфанд (барои хушхӯр шудан шакар ё намак ҳамроҳ мекунанд).

**ПОПЛИ́Н**, [фр. popeline]. Як навъ матои абрешимӣ ё пахтагӣ, ки рахҳои борики кӯндаланг дорад.

**ПОП-МЮ́ЗИКЛ**, [англ. pop-musical]. Мюзикле, ки (ниг. *мюзикл*) дар он оҳангҳои маъмули эстрадӣ истифода мешавад.

**ПОП-РОК**, [англ. pop-rock]. *мус*. Сабки мусиқӣ, ки дар он унсурҳои поп-мусиқӣ ва *рок* омезиш ёфтаанд.

**ПОПСА́**, [англ. pops оммавӣ]. *жарг*. Номи умумии асарҳои оммавишудаи созию овозии эстрадӣ, ки одатан қимати баланди бадеӣ надоранд.

**ПОПУЛИ́ЗМ**, [< лот. populus мардум, халқ]. Дар ҳаёти сиёсӣ ё ҷамъиятӣ – кӯшиши ба даст овардани мақсадҳои худ бо роҳи суъистифода аз афкори омма; тарафдорони П. (популистҳо) мардумро ба он бовар кунонданӣ мешаванд, ки гӯё мушкилоти иҷтимоию иқтисодии ҷомеаро зуд ва осон ҳал кардан мумкин аст.

**ПОПУЛЯ́ТСИЯ (ПОПУЛЯ́ЦИЯ)**, [< лот. populus мардум, халқ]. *биол*. Маҷмуи фардҳои як намуд, ки муддати дароз дар минтақаи муайяне зиндагӣ ва таҳаввул мекунад.

**ПОПУРРИ́**, [< фр. pot-pourri хӯроки аз ҳар хел гӯшт тайёр кардашуда]. Пйесаи мусиқие, ки аз порчаҳои гуногуни асарҳои маъмули мусиқӣ тартиб дода шудааст.

**ПОРНОГРА́ФИЯ**, [< юн. pornos фосиқ + *...графия*]. Тасвири дағалу бешармонаи алоқаи ҷинсӣ ва узвҳои таносули зану мард дар адабиёт, санъати тасвирӣ, кино, театр ва ғ.

**ПОРОЛО́Н**, [< юн. poros сӯрохӣ + *(ней)лон*]. *Пластики* (ниг. *пластика*) сабуку ковоки синтетикӣ.

**ПО́РСИЯ (ПО́РЦИЯ)**, [лот. portio қисм, ҳисса]. **1**. Миқдори муайяни ягон чиз; воя. **2**. Миқдори хӯрок барои як кас дар ошхона, тарабхона.

**ПОРТА́Л**, [< лот. porta дарвоза]. **1**. *меъм*. Равоқ, пештоқ; даромадгоҳи асосии мунаққаши бино. **2**. *тех*. Қисми такявии мошин ё механизм, ки шакли ҳарфи П-ро дорад. **3**. *инф*. Маҷмуи *сайтҳое*, ки одатан ба як муассис тааллуқ дошта, ба мавзуи муайяне бахшида шудаанд.

**ПОРТАМЕ́НТО**, [ит. portamento кӯчондан]. *мус*. Оҳиста ва номаълум гузаштан аз як оҳанг ба оҳанги дигар ҳангоми сурудхонӣ ё ғижжакнавозӣ.

**ПОРТАТИВӢ**, [фр. portatif < porter бо худ бурдан]. Хурд, ихчам, ихчамсохт, сафарӣ; ҳар чизи хурду ихчаме, ки барои бо худ гирифта гаштан қулай аст.

**ПОРТВЕ́ЙН,** [ол. Portwein, аз номи ш. Порту (дар Португалия)]. Навъи майи ангурии спиртдор.

**ПО́РТЕР**, [англ. porter]. Навъи фугони (*пивои*) тираранги бақувват.

**ПО́РТИК**, [лот. porticus]. *меъм*. Айвони болопӯшидаи ду паҳлӯяш кушода, ки ба қаторсутунҳо ё қаторравоқҳо такя мекунад. || Мқс. портал (маънои 1).

**ПОРТЙЕ́ (ПОРТЬЕ́)**, [фр. portier < porte дар]. Дарбони (ходими) меҳмонхона, ки кораш додану гирифтани калидҳо, қабули почта ва расондани хизматҳои дигар дар миёнсарой (*вестибюл*) аст. || Мқс. швейтсар.

**ПОРТЙЕ́РА (ПОРТЬЕ́РА)**, [фр. portiere < porte дар]. Пардаи ғафсу вазнини дар ё тиреза.

**ПОРТМОНЕ́**, [фр. portemonnaie < porter бо худ гирифта гаштан + monnaie пул]. Ҳамёни дорои якчанд кисача барои нигоҳ доштани пул, муаррифинома (*визитка*), корт ва м. инҳо.

**ПО́РТО**, [ит. porto]. *тиҷ*. Хароҷоти почта, телеграф, телефон, Интернет, ки муштарӣ медиҳад.

**ПО́РТО-ФРА́НКО**, [< ит. porto franco бандари озод]. *тиҷ., мол.* Бандар ё шаҳри наздибаҳрӣ, ки дар ҳудуди он озодона бебоҷ савдо кардан иҷозат дода шудааст.

**ПОРТРЕ́Т**, [фр. portrait]. **1**. Сурати одам. **2**. Тасвири шахс дар асари бадеӣ; симои қаҳрамони асар.

**ПОРТСИГА́Р**, [фр. porte-cigares < porter бо худ гирифта гаштан + cigares сигор]. Сигордон, папиросдон; қуттичаи кисагии чоркунҷа барои нигоҳ доштани сигор ё *папирос*.

**ПОРТУПЕ́Я**, [фр. porte-epee < porter бо худ гирифта гаштан + epee шамшер]. Тасма барои овехта гаштани шамшер, ханҷар ва м. инҳо.

**ПОРТФЕ́Л (ПОРТФЕ́ЛЬ)**, [фр. portefeuille < porter бо худ гирифта гаштан + feuille варақ]. Ҷузвдони чоргӯшаи дастанок ва қулфдор барои гирифта гаштани китоб, дафтар, ҳуҷҷат ва ғ. || Мқс. сумка.

**ПОРТФО́ЛИО**, [англ. portfolio]. Маҷмуи ҳуҷҷатҳо, суратҳо, намунаи корҳои иҷрошуда, асарҳои эҷодшуда ва ғ., ки ҳангоми ба кор даромадан, бастани шартнома ва ҳок. пешниҳод карда мешавад.

**ПОРУ́ЧИК**, [рус. < пол. porucznik]. Унвони хурди афсарӣ дар Россияи подшоҳӣ ва баъзе мамлакатҳои имрӯза (мас., Полша).

**ПОСЕЙДО́Н**, [юн. Poseidon]. Дар асотири юнониёни қадим – худои баҳрҳо.

**ПОСЕССИОНЕ́Р**, [< *посессия*]. Ниг. *посессор*.

**ПОСЕ́ССИЯ**, [лот. possessio замин, мулк]. Замини (мулки) ба иҷора додашуда (гирифташуда).

**ПОСЕ́ССОР**, [< *посессия*]. Соҳиби замини (мулки) иҷора.

**ПОСЁЛКА**, [рус. посёлок < поселиться маскун шудан, маскан гирифтан]. Шаҳрак; маҳалли истиқоматии одатан навбунёди дорои аломатҳои шаҳр.

**ПОСТ**, [фр. poste]. **1.** Посбон ё гурӯҳи посбонон, ки ягон мавзеъро, чизро дидбонӣ, муҳофизат ё мудофиа мекунанд, инчунин ҷои чунин амал. **2**. Мансаб, мақом.

**ПОСТ...,** [< лот. post баъд]. Пешванд ба маънои «баъд», «пас аз», мас., *постмодернизм*

**ПОСТАМЕ́НТ**, [лот. postamentum]. Пояи сутун, ҳайкал, муҷассама.

**ПО́СТЕР**, [англ. poster эълон]. *Плакат, афиша* ё варақаи рекламавӣ, ки аксари вақтҳо чун замимаи маҷалла, рӯзнома чоп карда мешавад.

**ПОСТИЖЁР**, [< фр. postiche қалбакӣ, сунъӣ]. Мутахассис оид ба тайёр кардани мӯй, риш, бурути сунъӣ.

**ПО́СТИМПРЕССИОНИ́ЗМ**, [< *пост...* + *импрессионизм*]. Равияе дар санъати тасвирии охири асри 19 – аввали асри 20, ки дар Фаронса чун вокуниш ба *импрессионизм* пайдо шудааст; П. бар хилофи импрессионизм бештар ба ҷустуҷӯи шаклҳои устувори ҳастӣ, воситаҳои нав ва ба замон мувофиқи тасвир ва *синтези* услубҳои гуногуни рассомӣ такя мекунад.

**ПОСТНАТАЛӢ**, [< лот. post баъд + natalis мансуб ба таваллуд]. *тиб.* Давраи постнаталӣ – давраи баъди таваллуд; баръакси *антенаталӣ.* || Мқс. перинаталӣ.

**ПО́СТСКРИ́ПТУМ,** [< лот. postscriptum баъд навишташуда]. Паснавис; як ё якчанд ҷумлае, ки баъди навишта, имзо кардани мактуб ба он илова намуда, бо ҳарфҳои лотинии P.S. ишора карда мешавад.

**ПОСТУЛА́Т**, [< лот. postulatum матлуб]. *мат., фалс.* Ниг. *аксиома*.

**ПОСТФА́КТУМ**, [лот. post factum]. Баъд воқеъшуда (содиршуда, ҳодисшуда, иҷрошуда); баъд аз он ки аллакай чизе рӯй додааст.

**ПОТА́МОБИО́НТҲО,** [< юн. potamos дарё + *бионтҳо*]. *биол.* Ҷонварони дарёӣ. || Мқс. аэробионтҳо, батобионтҳо.

**ПОТА́Ш**, [англ. potash]. Номи техникии *карбонати калий.*

**ПОТЕНСИА́Л (ПОТЕНЦИА́Л)**, [< лот. potentia иқтидор, қувва]. **1**. *физ.* Бузургие, ки майдони қувваро (мас., майдони электрӣ, магнитӣ, майдони қувваи ҷозиба ва ғ.-

ро) дар ин ё он нуқта тавсиф менамояд. **2**. *мач*. Манбаъ, имконият ва воситаю захираҳое, ки барои иҷрои ягон вазифа, мақсад заруранд; нерӯ, иқтидор, қудрат.

**ПОТЕНСИАЛОСКО́П (ПОТЕНЦИАЛОСКО́П)**, [< *понтенсиал* + *...скоп*]. *физ., тех*. Асбоби электронӣ барои сабти сигналҳои электрӣ ва нишон додани онҳо дар *экран*. || Мқс. потенсиометр.

**ПОТЕНСИО́МЕТР (ПОТЕНЦИО́МЕТР)**, [< *понтенсиал* + *...метр*]. *физ., тех*. **1**. Асбоб барои чен кардани қувва, шиддат ва тавоноии ҷараёни электр. **2**. Асбоб барои чен кардани фарқи *потенсиалҳои* магнитии байни ду нуқтаи занҷири магнитӣ. || Мқс. потенсиалоскоп.

**ПОТЕ́НСИЯ (ПОТЕ́НЦИЯ)**, [< лот. potentia иқтидор, қувва]. **1**. Қувваю имконияти ниҳоние, ки дар шароити муайян зоҳир гашта метавонад. **2**. Қобилияти мард барои алоқаи ҷинсӣ (ҷимоъ); баръакси *импотенсия*.

**ПОХО́Д**, [< рус. ходить роҳ гаштан]. **1**. Сафари муташаккилонаи гурӯҳи одамон бо ягон мақсад, мас., П.-и сайёҳон. **2**. *ҳарб*. Аз як ҷо ба ҷои дигар ҳаракат кардани лашкар; лашкаркашӣ; раҳпаймоӣ, мас., П.-и салибдорон.

**ПО́ЧТА**, [лот., ит. posta]. **1.** Муассиса барои қабул кардан ва фиристодани мактуб, телеграмма, рӯзномаю маҷалла, пул ва ғ., инчунин бинои ҳамин муассиса. **2**. Ҳар чизе, ки ба воситаи ин муассиса қабул карда (фиристода) шудааст. **3**. П о ч т а и э л е к т р о н ӣ – усули алоқа ба воситаи *Интернет*, ки бо ёрии он матн ё сурат аз як *компютер* ба компютери диг. (аз як суроға ба суроғаи диг.) фиристода мешавад.

**ПОЧТА́МТ**, [< *почта*]. Почтаи марказии шаҳр.

**ПОЭ́ТИКА**, [юн. poetike санъати шеър]. *адш*. **1**. Назмшиносӣ; назарияи шеър. **2**. Сабки эҷодии ин ё он шоир.

**ПРАГМАТИ́ЗМ**, [< юн. pragma амал, кор + пасв. -*изм*]. **1**. *фалс*. Равияе дар фалсафа (асосан дар фалсафаи амрикоӣ), ки ҳақиқати объективиро рад намуда, он чиро ҳақиқат медонад, ки натиҷаҳои амалии муфид медиҳад. **2**. Маҷмуи амалҳое, ки барои ба даст овардани натиҷаҳои воқеӣ равона гардидаанд, сарфи назар аз он ки ин амалҳо ба назарияҳои мавҷуда мутобиқ меоянд, ё не. **3**. *таър*. Равияе дар илми таърих, ки бо баёни зоҳирии воқеаҳо машғул шуда, қонунҳои объективиеро, ки боиси сар задани онҳо гардидаанд, нишон намедиҳад.

**ПРАГМА́ТИК**, [< *прагматизм*]. Пайрави *прагматизм*.

**ПРАГМА́ТИКА**, [< юн. pragma амал, кор]. **1**. Шохаи *семиотика* – илм дар бораи муносибати байни системаи аломатҳо ва шахсоне, ки онҳоро истифода мебаранд. **2**. *збш*. Маҷмуи шартҳои истифодаи воҳиди забонӣ (калима, ибора ва ғ.); мас., дар забони тоҷикӣ истифодаи ҷонишини "ман" дар ибораи "оилаи ман" барои сардори оила (падар, модар) равост, барои кӯдакон бошад, дуруст нест, онҳо бояд "оилаи мо" гӯянд.

**ПРАГМАТИ́СТ**, [< *прагматизм*]. Ниг. *прагматик*.

**ПРА́ЙМ-ТАЙМ**, [англ. prime time < prime асосӣ, якум + time вақт]. Дар телевизион – фосилаи вақте, ки барномаҳои телевизиониро шумораи аз ҳама зиёди одамон тамошо мекунанд, мас., аз соати 19 то соати 22.

**ПРА́ЙС-ЛИСТ**, [англ. price list < price нархнома + list рӯихат, феҳрист]. *тиҷ*. Нархнома; рӯихати нархи молу хизматҳое, ки ширкат, муассисаи савдо пешниҳод мекунад.

**ПРАКСИОЛО́ГИЯ**, [< юн. praxis амал, кор + *...логия*]. Амалшиносӣ, коршиносӣ; соҳаи тадқиқоти сотсиологӣ, ки фоида, самаранокӣ, таъсири амалҳои гуногунро меомӯзад.

**ПРА́КТИКУМ**, [лот. practicum]. Машғулиятҳои амалӣ оид ба ягон фан дар муассисаҳои таълимӣ.

**ПРА́ПОРШИК (ПРА́ПОРЩИК)**, [< рус. прапор парчам]. Рутбаи ҳарбии хизматчиёни ҳарбие, ки ихтиёран аз муҳлати муқарраршуда зиёд хизмат мекунанд.

**ПРЕА́МБУЛА**, [< лот. preambulus пешгард]. Дебоча, муқаддима, пешгуфтор, сарсухан.

**ПРЕВЕНТИВӢ**, [< лот. praeventus пешдастӣ кардан]. Пешгирикунанда; пешакӣ; зарбаи П. – зарба пеш аз зарбаи душман (бо мақсади пешдастӣ кардан дар муҳориба); муолиҷаи П. – муолиҷаи пешакӣ барои пешгирии бемори.

**ПРЕДИКА́Т,** [лот. praedicatum]. *збш*. Хабар.

**ПРЕДМЕ́Т**, [рус.]. **1**. Ашё, чиз. **2**. Мавзуъ. **3**. Фан; соҳаи дониш.

**ПРЕ́ЗЕНС**, [лот. praesens]. *збш*. Феъли замони ҳозира.

**ПРЕЗЕ́НТ**, [фр. present]. Туҳфа, ҳадя, инъом, пешкаш.

**ПРЕЗЕНТА́ТСИЯ (ПРЕЗЕНТА́ЦИЯ)**, [лот. praesentatio]. Муаррифии оммавии ягон чизи нав, мас., филм, китоб ва м. инҳо.

**ПРЕЗЕРВАТИ́В**, [< лот. praeservare пешгирӣ кардан]. Рифола; халтачаи резинии тунуке, ки бо мақсади муҳофизат аз бемориҳои гузаранда ё пешгирии ҳамл ҳангоми алоқаи ҷинсӣ ба узви таносул мепӯшонанд.

**ПРЕЗИДЕ́НТ**, [< лот. praesidens дар пеш нишаста, пешнишин]. **1**. Сардори интихобии давлати ҷумҳуриявӣ. **2**. Сардори муассисаи калони илмӣ (мас., академияи илмҳо), ширкат, корхонаи саҳҳомӣ ва м. инҳо.

**ПРЕЗИ́ДИУМ**, [< лот. praesidere дар пеш нишастан, раисӣ кардан]. Раёсат; садорат; мақоми роҳбарикунандаи маҷлис, машварат, анҷуман, муассисаҳои илмӣ, ташкилотҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ, сиёсӣ ва ғ.

**ПРЕЗУ́МПСИЯ (ПРЕЗУ́МПЦИЯ)**, [< лот. praesumptio тахмин, гумон]. **1**. Фарзия, тахмин, эҳтимол. **2**. *ҳуқ*. Аз ҷиҳати ҳуқуқӣ (*юридикӣ*) дуруст дониста шудани далел, то он даме ки акси он исбот гардад; П.-и бегуноҳӣ – қоидае, ки мувофиқи он

айбдоршаванда то аз ҷониби суд исбот карда шудани гуноҳаш бегуноҳ дониста мешавад.

**ПРЕЙСКУРА́НТ**, [фр. prix courant]. Нархнома; феҳристи нархи молу хизматҳо.

**ПРЕЛА́Т**, [< лот. praelatus афзал, беҳтар]. Рӯҳонии олирутба дар калисоҳои католикӣ ва англиканӣ.

**ПРЕЛЮ́Д**, [< лот. praeludere барои озмоиш навохтан]. Ниг. *прелюдия* (маънои 2).

**ПРЕЛЮ́ДИЯ**, [< лот. praeludere барои озмоиш навохтан]. **1**. *мус*. Дебоча; сароғоз; қисми муқаддимавии асари мусиқӣ. || Мқс. пролог, увертюра. **2**. *мус*. Асари мусиқии мустақили на чандон калон. **3**. *маҷ*. Муқаддима, дебоча, мадхал.

**ПРЕ́МИКСҲО**, [< лот. prae пешакӣ + misctj омехта мекунам]. Омехтаҳои сервитамини моддаҳои фаъоли биологӣ, ки барои серғизо гардондани хӯроки чорво ва беҳтар намудани таъсири биологии онҳо ба организми чорво истифода мешаванд.

**ПРЕ́МИУМ-КЛАСС**, [англ. premium class]. Дараҷаи олитарини сифати мол ё хизмат.

**ПРЕМЙЕ́Р (ПРЕМЬЕ́Р)**, [< фр. premier якум]. Артисте, ки нақшҳои асосиро бозӣ мекунад.

**ПРЕМЙЕ́РА (ПРЕМЬЕ́РА)**, [< фр. premier якум]. Нахустнамоиши спектакл, филм, барномаи сирк ва ғ.

**ПРЕНАТАЛӢ**, [< лот. prae пеш + natalis мансуб ба таваллуд]. *тиб*. Давраи пренаталӣ – давраи пеш аз таваллуд; баръакси *постнаталӣ*. || Мқс. перинаталӣ.

**ПРЕПРИ́НТ,** [< лот. prae пеш + print чоп]. Чопи пешакии як қисми китоб, рисолаи илмӣ ва ғ.

**ПРЕСБИАКУ́ЗИС**, [< лот. presbys пирӣ + akusis сомеа]. *тиб*. Сустшавии қувваи сомеа дар пиронсолӣ.

**ПРЕСБИОПИ́Я**, [< лот. presbys пирӣ + ops босира]. *тиб*. Сустшавии қувваи босира дар пиронсолӣ бо сабаби сахт шудани булӯраки чашм.

**ПРЕСВИ́ТЕР**, [< юн. presbyteros сардори қабила, пир]. **1**. Кашиши калисои православӣ ва католикӣ. || Мқс. аббат, иерей, ксёндз. **2**. Кашиши интихобшудаи калисои пресвитерианӣ (ниг. *пресвитерианҳо*).

**ПРЕСВИТЕРИА́НҲО,** [< *пресвитер*]. **1**. Пайравони мазҳаби протестантӣ, ки ҳокимияти епископро инкор намуда, танҳо пресвитерро эътироф мекарданд; мазҳаби пресвитерианӣ ҳоло дар Шотландия, Англия, ИМА ва баъзе мамлакатҳои диг. боқӣ мондааст.

**ПРЕСС**, [< лот. pressare фишурдан, зер кардан]. Мангана, исканҷа.

**ПРЕСС-...,** [фр. presse]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки ба матбуоти даврӣ, ВАО робита доштанро ифода мекунад, мас., *пресс-атташе*.

**ПРЕ́ССА,** [фр. presse]. Матбуоти даврӣ (рӯзнома, маҷалла).

**ПРЕ́СС-АТТАШЕ́**, [фр. presse-attache]. *Атташе* оид ба матбуот; атташеи матбуотӣ; шахси расмии намояндагии дипломатӣ, ки бо ВАО робитаи доимӣ дорад, ба саволҳои хабарнигорон ҷавоб медиҳад, нишастҳои матбуотӣ ташкил мекунад. || Мқс. пресс-секретар.

**ПРЕ́СС-БЮРО**, [фр. presse-bureau]. *Бюрои* матбуот; шуъбаи иттилоот дар сафоратҳо, намояндагиҳо, инчунин дар анҷуманҳо, конференсияҳо, маҷлисҳои калон.

**ПРЕ́ССИНГ**, [англ. pressing < to press фишор додан]. **1**. *варз*. Дар баъзе бозиҳои варзишӣ (футбол, хоккей ва ғ.) – бо роҳи фишороварӣ маҳдуд намудани амалҳои озодонаи ҳариф. **2**. *маҷ*. Фишор, тазйиқ дар сиёсат, иқтисод ва ғ.

**ПРЕ́СС-КОНФЕРЕ́НСИЯ (ПРЕ́СС-КОНФЕРЕ́НЦИЯ)**, [англ. press-conference]. Нишасти матбуотӣ; вохӯрии мансабдорони давлатӣ, ходимони сиёсӣ, ҷамъиятӣ, илмӣ, тиҷоратӣ ва ғ. бо намояндагони ВАО барои суҳбат дар ягон мавзуи муҳим, ҷавоб додан ба саволҳои онҳо. || Мқс. брифинг.

**ПРЕСС-РЕЛИ́З**, [англ. press-release]. Иттилоия; хабари таъҷилие, ки ҳукумат, диг. муассисаҳои давлатӣ, марказҳои матбуотии ташкилотҳои байналмилалӣ барои ВАО таҳия намудаанд.

**ПРЕ́СС-СЕКРЕТА́Р (ПРЕ́СС-СЕКРЕТА́РЬ)**, [< *пресса* + *секретар*]. Котиби матбуотӣ; намояндаи шахси олимақоми расмӣ ё муассиса, ки ба ВАО дар бораи ҳадафҳо ё фаъолияти ин шахс (муассиса) иттилоъ медиҳад. || Мқс. пресс-атташе.

**ПРЕ́СТО**, [< ит. presto зуд, тез]. *мус.* Асари мусиқӣ ё як қисми он, ки бо суръати тез иҷро карда мешавад.

**ПРЕ́ТОР**, [лот. praetor]. *таър*. Дар Рими Қадим – мансабдори калоне, ки ба ҳокимияти судӣ ва ҳифзи тартиботи дохилӣ сардорӣ менамуд.

**ПРЕФЕ́КТ**, [< лот. praefectus сардор]. **1**. *таър*. Дар Рими Қадим – мансаби маъмурӣ ё ҳарбӣ, инчунин шахси дорои чунин мансаб. **2**. Дар баъзе давлатҳои имрӯза – намояндаи ҳукумати марказӣ дар *департамент*, *префектура* ё диг. воҳиди маъмурии маҳаллӣ. **3**. Сардори политсияи шаҳр дар баъзе мамлакатҳо.

**ПРЕФЕКТУ́РА**, [< *префект*]. **1**. *таър*. Дар Рими Қадим – воҳиди маъмурии маҳаллӣ ва дастгоҳи идоракунии он. **2**. Дар баъзе мамлакатҳои имрӯза – воҳиди маъмурии маҳаллӣ. || Мқс. губерния, департамент, штат.

**ПРЕФЕРА́НС**, [фр. preference]. Як навъ қиморбозӣ бо қарта.

**ПРЕФЕРЕ́НСИЯ (ПРЕФЕРЕ́НЦИЯ)**, [< лот. praeferre афзалият додан]. Сабукӣ, имтиёз дар муносибатҳои байналмилалӣ, савдо ва ғ., мас. боҷи имтиёзноки гумрукӣ.

**ПРЕ́ФИКС**, [< лот. praefixus дар пеш часпондашуда]. *збш.* Пешванд; он қисми калима, ки пеш аз реша меистад. || Мқс. суффикс.

**ПРЕФОРМА́ТСИЯ (ПРЕФОРМА́ЦИЯ)**, [< лот. praeformare пешакӣ ташаккул додан]. *биол.* Таълимот дар бораи вуҷуд доштани ҷанини пурра ташаккулёфта ё қисмҳои он дар тухмҳуҷайра ё *сперматозоид*.

**ПРИВАТИЗА́ТСИЯ (ПРИВАТИЗА́ЦИЯ)**, [< лот. privatus шахсӣ, хусусӣ]. Хусусигардонӣ; ба шахсони алоҳида фурӯхтан ё ройгон додани моликияти давлатӣ (қитъаҳои замин, корхонаҳо, бонкҳо, иморатҳо ва ғ.).

**ПРИЁ́МНИК**, [< рус. принимать қабул кардан]. **1**. Қабулкунак; асбоб барои қабул кардани сигнал, нутқ, мусиқӣ, сурат ва ғ., ки дар соҳаҳои алоқа, телевизион, радио ва ғ. истифода мешавад.

**ПРИ́ЗМА**, [< юн. prisma буридашуда]. **1**. *геом.* Бисёррӯяе, ки ду рӯяи асосиаш бисёркунҷаҳои баробар ва мувозӣ (*параллел*), рӯяҳои боқимондаи паҳлӯияш *параллелограмма* мебошанд. **2**. Ҳар ҷисми шаффофе, ки чунин шакл дорад.

**ПРИ́МА**, [< лот. prima якум]. **1.** *мус.* Саровоз; овози якуми (асосии) қаторовоз, зинаи якуми *гаммаи диатонӣ.* || Мқс. квинта, октава. **2**. *мус.* Овози пасти (поёнии) *аккорд*. **3**. *мус.* Тори якуми (аз ҳама баланди) ғижжак, *виолончел*. **4.** *мус. Партияи* якум дар ансамбл. **5**. Ниг. *примадонна*. **6**. *маҷ.* Маликаи ҳусн, зани соҳибҷамол.

**ПРИ́МА-БАЛЕРИ́НА**, [ит. prima ballerina]. Балеринае, ки дар балет *партияҳои* аввалро иҷро мекунад.

**ПРИМАДО́ННА**, [< ит. primadonna бонуи якум]. Сарояндазане, ки дар опера ё оперетта партияҳои аввалро иҷро мекунад.

**ПРИ́МАС**, [лот. primas]. Дар калисоҳои католикӣ ва англиканӣ – сарепископ; унвони ифтихории *епископе*, ки аз ҷиҳати мартаба ва ҳуқуқҳои худ дар мамлакат мақоми аввал дорад.

**ПРИМА́Т**, [< лот. primatus ҷои якум]. **1**. Авлавият, афзалият, бартарият. **2**. Ниг. *приматҳо*.

**ПРИМАТОЛО́ГИЯ**, [< лот. prima якум + *...логия*]. *зоол.* Приматшиносӣ; фасли зоология дар бораи *приматҳо*.

**ПРИМА́ТҲО**, [< лот. primates аввалинҳо]. *зоол.* Қатори олии ширхӯроне, ки ниммаймунҳо, маймунҳо ва инсонҳоро дар бар мегирад (зиёда аз 200 намуд).

**ПРИМИТИ́В,** [< лот. primitivus якум, аз ҳама барвақт]. Ҳар чизи сода, одӣ, номураккаб, иҷрояш осон. **2**. Одами каммаълумот, инкишофи зеҳниаш суст.

**ПРИМИТИВИ́ЗМ**, [< *примитив* + пасв. *-изм*]. Содаписандӣ; соданигорӣ; равияе дар санъат ва адабиёти асрҳои 19 – 20, ки пайравони он бо мақсади муассиру ифоданоктар гардондани асарҳои худ аз шаклҳои архаистии тасвир, фолклори шаҳру деҳот ва дигар сабку услубҳои содаву оммафаҳм истифода мебурданд.

**ПРИ́МУС**, [< лот. primus якум, беҳтарин]. Асбоби бо карасин коркунандаи дорои насосча ва сархона барои таомпазӣ ва обҷӯшонӣ.

**ПРИ́НТЕР**, [англ. printer < to print чоп кардан]. Ҷиҳози чопкунандаи компютер.

**ПРИ́НСИП (ПРИ́НЦИП)**, [< лот. principium асос, мабдаъ]. **1**. Нукта, ғояи асосии ягон назария, таълимот, илм, ҷаҳонбинӣ ва ғ. **2**. Ақида, эътимоди ботинии инсон, ки муносибати ӯро ба воқеият, меъёрҳои рафтор ва фаъолият муайян мекунад. **3**. Асоси кори ягон асбоб, дастгоҳ, мошин ва м. инҳо.

**ПРИО́Р**, [лот. prior якум, муҳимтарин]. **1**. Пири (саррӯҳонии) дайри мардонаи католикӣ. **2**. Дар *ордени* динию *ритсарии* католикӣ – дуюмин шахси олимартаба баъди *магистри* бузург. **3**. Сардори интихобии иттиҳодияи савдогарон ё ҳунармандон дар Италия ва диг. мамлакатҳои Аврупои Ғарбии асрҳои миёна.

**ПРОБА́НД**, [ол. Proband]. *этн.* Саршаҷара; сараҷдод; шахсе, ки шаҷара аз ӯ оғоз мешавад.

**ПРОБЛЕ́МА**, [лот., юн. problema вазифа]. Мушкилот; масъалаи муҳим, мураккаб ва ҳалталаб.

**ПРОБЛЕМА́ТИКА**, [< *проблема*]. Маҷмуи *проблемаҳо*; масъалаҳои мураккаб ва ҳалталаб.

**ПРОВА́ЙДЕР**, [англ. provider < to provide таъмин кардан]. *инф*. Ташкилот, ширкат ё шахсе, ки воситаҳои иттилооти электрониро (мас., *Интернетро*) ба одамон дастрас мегардонад. || Мкс. Интернет-провайдер.

**ПРОВИ́ЗОР**, [лот. provisor пешакӣ ғамхорикунанда]. Корманди дорухона, ки маълумоти олии *фармасевтӣ* дорад.

**ПРОВИТАМИ́НҲО**, [< лот. pro пеш + *витамин*]. *биол., хим*. Моддаҳои витаминофар, витаминзо; моддаҳое, ки дар организими зинда аз онҳо витаминҳо ба вуҷуд омада метавонанд, мас. *каротин*, ки аз он витамини А пайдо мешавад.

**ПРОГРА́ММА**, [юн. programma маншур, амр, фармон]. **1.** Барнома; нақшаи кор, фаъолият, амалиёт, таълим, чорабиниҳо ва ғ. **2**. Номгӯи мураттаби намоишҳои консертӣ, театрӣ, сиркӣ, барномаҳои радио ва телевизион. **3**. Рӯихати вазифаю ҳадафҳои ҳукумат, ҳизби сиёсӣ, ташкилоти ҷамъиятӣ. **4**. *инф*. Тавсифи мураттаб ва дақиқи коркарди маълумот дар *компютер*.

**ПРОГРЕ́СС**, [лот. progressio ҳаракат ба пеш]. Пешрафт, пешравӣ; баръакси *регресс*.

**ПРОГРЕ́ССИЯ**, [< *прогресс*]. *мат*. Силсилаи рақамҳо ё бузургиҳое, ки аз рӯи қоидаи муайян тадриҷан зиёд ё кам мешаванд.

**ПРОДРО́М**, [< лот. prodromus пешдав]. Аломати пешакии беморӣ; нишонаи наздик шудани беморӣ.

**ПРОДЮ́СЕР**, [< лот. producere офаридан, истеҳсол кардан]. Шахси боваринок ва ваколатдори ширкати кино ё сабти овоз, ки ба рафти таҳияи филм (сабти албоми

мусиқӣ), корҳои ташкилӣ, таъминоти моддию молиявӣ, сифати ғоявию бадеии асар ва масъалаҳои диг. мутасаддӣ мебошад. || Мқс. импресарио, менеҷер.

**ПРОЕ́КТОР**, [< *проексия*]. Асбоби оптикӣ барои дар экран калон карда нишон додани сурат, нақша, ҷадвал ва м. инҳо.

**ПРОЕ́КСИЯ (ПРОЕ́КЦИЯ)**, [< лот. projectio ба пеш партофтан]. **1**. Тасвири шаклу ҷисмҳои геометрӣ дар сатҳ. **2**. Дар экран калон карда нишон додани сурат, нақша, ҷадвал ва м. инҳо бо ёрии *проектор*.

**ПРОЖЕ́КТ**, [< лот. projectus ба пеш партофташуда]. **1**. *куҳна*. Нақша, лоиҳа. **2**. Нақшаи амалинашаванда, беасос, хаёлӣ.

**ПРОЖЕ́КТОР**, [< лот. projectio ба пеш партофтан]. Нурфишон; асбоби барқии дорои оинаю линзаҳо, ки бо дастаи тавонои нур қитъаи муайянро равшан мекунад.

**ПРОЗЕ́КТОР**, [< лот. prosecare чок кардан]. *тиб*. Ташреҳгар; мутахассиси беморхона ё *клиника*, ки ҷасади мурдаҳоро чок мекунад; *патологоанатом* низ гӯянд.

**ПРОЗЕКТУ́РА**, [< лот. prosecare чок кардан]. *тиб*. Ташреҳхона; шуъбаи беморхона ё *клиника*, ки дар он ҷасади мурдаҳоро чок мекунанд; шуъбаи *патологоанатомӣ*.

**ПРОЗЕЛИ́Т**, [< юн. proselytos омада]. Шахсе, ки ба дин ё мазҳаби нав гаравидааст.

**ПРОЗЕЛИТИ́ЗМ**, [< юн. proselytos омада + пасв. -*изм*]. **1**. Кӯшиши ба дини худ гароёндани дигарон. **2**. Садоқати бепоён, ихлоси сахт ба таълимот ё ақидаи нав. || Мқс. неофит.

**ПРОЗЕНХИ́МА**, [юн. prosenchyma]. *бот*. Бофтаи растанӣ, ки аз ҳуҷайраҳои дарозрӯяи нӯгтез ва ғафсдевор иборат аст.

**ПРОКА́Т**[1], [< рус. прокатать]. *тех*. Бо роҳи фишор ба шакли даркорӣ (мас., ба шакли варақа) даровардани металл.

**ПРОКА́Т**[2], [рус.]. Ба ивази пул киро гирифтан ё додани чизе.

**ПРОКЛАМА́ТСИЯ (ПРОКЛАМА́ЦИЯ)**, [< лот. proclamation даъват, эълон]. **1**. Варақаи (*плакати*) ташвиқотии дорои мазмуни сиёсӣ. **2**. Бо тантана эълон кардани чизе. **3**. Фармони сардори давлат дар баъзе мамлакатҳо. || Мқс. декрет, указ.

**ПРОКО́НСУЛ**, [лот. proconsul]. **1**. *таър*. Ҳокими музофот дар Рими Қадим. **2**. *пал*. Маймуни одамшакли мунқариз, ки аҷдоди умумии гориллаҳо, шимпанзеҳо ва одамон ҳисоб карда мешавад.

**ПРОКРУ́СТ**, [юн. Prokroustes]. **1**. К а т и  П р о к р у с т – кати Прокруст ном роҳзани афсонавии Юнони Қадим, ки роҳгузаронро дошта, ба он мехобонд; агар пойҳои кас аз кат дароз бошанд, онҳоро мебурид, агар аз кат кӯтоҳ бошанд, ёзонда дароз мекард. **2**. *маҷ*. Меъёр, андозае, ки ба чорчӯбаи он чизеро зӯран ҷой доданӣ мешаванд.

**ПРОКТИ́Т,** [< юн. proktos мақъад, сӯрохии ақиб]. *тиб.* Газаки луобпардаи рӯдаи ғафс. || Мкс. парапроктит.

**ПРОКТОЛО́ГИЯ**, [< юн. proktos мақъад, сӯрохии ақиб + *...логия*]. *тиб.* Соҳаи тиб, ки бемориҳои рӯдаи ғафсро меомӯзад.

**ПРОКУРА́ТОР**, [лот. procurator]. **1**. *таър.* Дар Рими Қадим: а) мудири хоҷагӣ; б) мансабдоре, ки ба андозғундорӣ назорат ва роҳбарӣ мекард; в) ҳокими музофоти на чандон калон. **2**. Мансабе дар парламенти Шветсия.

**ПРОКУРАТУ́РА**, [< *прокурор*]. Мақоми ҳокимияти давлатӣ, ки ба риояи қатъии қонунҳо назорат менамояд, вайронкунандагони қонунро ба ҷавобгарии судӣ мекашад, дар мурофиаҳои суд манфиати давлатро ҳимоя мекунад.

**ПРОКУРО́Р**, [< лот. procurare ғамхорӣ кардан]. **1**. Корманди *прокуратура*, ки риоя ва татбиқи дурусти қонунҳоро назорат мекунад. **2**. Айбдоркунандаи давлатӣ дар мурофиаи суд.

**ПРОЛАКТИ́Н,** [< лот. pro барои + lac (lactis) шир]. *биол.* Сафедаи (гормони) қисми пеши *гипофиз*, ки дар танзими фаъолияти ғадудҳои шир ва тухмдон иштирок мекунад.

**ПРОЛЕТАРИА́Т**, [< лот. proletarius шахси қашшоқтарин (дар Рими Қадим)]. Яке аз синфҳои асосии ҷамъияти капиталистӣ – синфи пролетарҳо (ниг. *пролетарҳо*).

**ПРОЛЕТА́РҲО, ПРОЛЕТА́РИЙҲО**, [< лот. proletarius шахси қашшоқтарин (дар Рими Қадим)]. Коргарони кироя, ки аз олот ва воситаҳои истеҳсолот маҳрум буда, аз ҳисоби ба соҳибони воситаҳои истеҳсолот – капиталистон фурӯхтани қувваи кории худ зиндагӣ мекунанд.

**ПРОЛО́Г**, [< лот. pro пеш + logos сухан]. **1.** Сарсухан, дебоча, пешгуфтор; қисми муқаддимавии асари адабӣ ё мусиқӣ. || Мкс. прелюдия, увертюра. **2**. *адш.* Яке аз жанрҳои адабиёти Руси Қадим – маҷмуаи панду андарзҳое, ки мувофиқи рӯзҳои сол ҷо ба ҷо карда шудаанд.

**ПРОЛОНГА́ТСИЯ (ПРОЛОНГА́ЦИЯ)**, [< лот. prolongatio дароз кардан]. *ҳуқ.* Дароз кардани (тамдиди) муҳлати амали шартнома, созишнома, *вексел* ва м. инҳо.

**ПРОЛЮ́ВИЙ**, [лот. proluvium]. *геол.* Маҳсули бодлесшавии ҷинсҳои кӯҳӣ, ки онро сел аз қуллаю нишебиҳои кӯҳ шуста, дар доманакӯҳ ҷамъ кардааст.

**ПРОМАКСИМАЛӢ**, [< лот. proximus наздиктарин]. *анат.* Наздик ба маркази (миёнаи) бадан ҷойгиршуда; баръакси *дисталӣ.*

**ПРОМЕТЕ́Й**, [юн. Prometheus]. Дар асотири Юнони Қадим – яке аз *титанҳо*, ки аз осмон оташро дуздида, ба одамон истифодаи онро ёд дод; барои ин кораш *Зевс* П.-ро ба харсанге занҷирбанд намуд ва ҳар рӯз уқобе парида омада, ҷигари ӯро нӯл мезад; *Геракл* уқобро бо тири камон кушта, П.-ро озод намуд.

**ПРОМЕ́ТИЙ**, [лот. Promethium]. Металли радиоактивии гурӯҳи III системаи даврӣ аз оилаи *лантаноидҳо*.

**ПРОМИ́ЛЛЕ**, [лот. pro mille]. Аз ҳазор як қисми ягон адад. || Мқс. протсент.

**ПРОМИСКУИТЕ́Т**, [лот. promiscuus омехта]. *антр., этн.* Давраи алоқаҳои бетартибонаи ҷинсӣ дар ҷамъияти ибтидоӣ, ки пеш аз пайдо шудани никоҳ ва оила вуҷуд дошт.

**ПРОМО-...**, [англ. promo]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки бо промоушн (ниг. *промоушн*) робита доштанро ифода мекунад, мас., промо-видео, промо-мавод, промо-барнома.

**ПРО́МО-САЙТ**, [< *промо-* + *сайт*]. Сайте, ки (ниг. *сайт*) махсус барои ягон чорабинии муҳим (мас., маъракаи интихобот), муаррифӣ ва рекламаи молу хизматҳои нав сохта шудааст.

**ПРОМО́ТСИЯ (ПРОМО́ЦИЯ)**, [лот. promotio баланд бардоштан, пеш бурдан]. Додани унвонҳои илмии *магистр* ё *доктор* дар баъзе мамлакатҳо.

**ПРОМО́УТЕР**, [англ. promoter]. Ташаббускор ва ташкилкунандаи ягон чорабинӣ (мас., мусобиқаи варзишӣ, консерт, филмбардорӣ ва м. инҳо) бо роҳи ҷалб намудани маблағгузорон (*спонсорҳо*).

**ПРОМО́УШН, ПРОМО́УШЕН**, [англ. promotion]. Маҷмуи чорабиниҳо (реклама, мусоҳиба, муаррифӣ ва м. инҳо) бо мақсади шуҳрат додани артист, сароянда, зуд фурӯхтани мол, иҷрои лоиҳа ва ғ.

**ПРОМО́УШН-...**, [англ. promotion]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки бо промоушн (ниг. промоушн) робита доштанро ифода мекунад, мас., промоушн-бизнес, промоушн-маснуот, промоушн-барнома, промоушн-лоиҳа.

**ПРОМУЛГА́ТСИЯ (ПРОМУЛЬГА́ЦИЯ)**, [< лот. promulgation эълон кардан]. *ҳуқ.* Расман эълон ё чоп кардани ягон қонун.

**ПРОНА́ТОР**, [лот. pronatus ба пеш тобдодашуда]. *анат.* Мушаки соидтоб; Мушаке, ки каф ва банди дастро рӯ ба поён тоб медиҳад. || Мқс. супинатор.

**ПРОНУНСИАМЕ́НТО**, [исп. pronunciamiento]. Дар Испания ва мамлакатҳои Амрикои Лотинӣ – табаддулоти ҳарбии давлатӣ, инчунин даъват ба чунин табаддулот. || Мқс. путч.

**ПРОПАГА́НДА**, [лот. propaganda < propagare паҳн кардан]. Тарғибот, таблиғот; дар байни аҳолӣ паҳн намудани ягон ғоя, ақида, мафкура, таълимот. || Мқс. агитатсия.

**ПРОПА́Н**, [англ. propan]. Карбогидриди сери алифатӣ, гази берангу бебӯйи сӯзанда.

**ПРОПЕДЕ́ВТИКА**, [< юн. propaideyo пешакӣ таълим медиҳам]. Қисми муқаддимавии (дебоча, мадхали) ягон фан.

**ПРО́ПЛИОПИТЕ́К**, [< лот. pro пеш + *плиопитек*]. *пал., антр.* Маймуни одамшакли мунқариз, ки дар Миср ёфт шудааст; П.-ро ҷадди умумии инсон ва маймунҳои одамшакл мешуморанд.

**ПРОПОЗИ́ТСИЯ (ПРОПОЗИ́ЦИЯ)**, [лот. propositio]. *збш.* Ҷумла.

**ПРОПО́ЛИС**, [юн. propolis]. Моддаи часпаки муммонанде, ки занбӯрҳои асал ҳосил мекунанд; хосияти давоӣ дорад, дар тиб ва байторӣ истифода мешавад.

**ПРОРА́Б**, [рус. < кӯтоҳшудаи производитель работ]. Саркори сохтмончиён; корманди техникӣ ё муҳандисе, ки ба корҳои сохтмон бевосита роҳбарӣ мекунад.

**ПРОРЕ́КТОР**, [< лот. pro пеш + *ректор*]. Ноиби ректор.

**ПРОРОГА́ТСИЯ (ПРОРОГА́ЦИЯ)**, [< лот. prorogatio мавқуф гузоштан]. Ба вақти дигар мононда шудани маҷлиси парламент бо қарори сардори давлат.

**ПРОСЕДУ́РА (ПРОЦЕДУ́РА)**, [< лот. procedere пеш рафтан, пеш бурдан]. **1**. Расм, қоида, тартиб, маросим; тартиби расмии иҷрои ягон амал, мас., П.-и имзои шартнома. **2**. Ин ё он тадбири муолиҷавии аз тарафи духтур таъйиншуда, масалан, масҳ, сӯзанзанӣ ва м. инҳо.

**ПРОСЕ́ССОР (ПРОЦЕ́ССОР)**, [англ. processor]. *инф.* Қисми асосии компютер, ки дорои хотираи *оперативӣ* буда, амалҳои арифметикӣ ва *логистӣ*, коркарди иттилоот ва барномаҳои дигари гуногунро иҷро ва идора мекунад, инчунин кори таҷҳизоти иловагии ба он васлшударо таъмин менамояд.

**ПРОСПЕ́КТ**, [< лот. prospectus манзара, намуд]. **1**. Хиёбон. || Мқс. магистрал. **2**. Нақшаи муфассал ё баёни мухтасари мазмуни китоб ё маҷаллаи нашршаванда. **3**. Дар соҳаи савдо – нашрияе, ки хусусияти рекламавӣ дошта, дар он номгӯи молҳо, нархи молҳо ва шартҳои хариду фурӯши онҳо дарҷ ёфтаанд.

**ПРОСТА́ТА**, [< юн. prostates дар пеш истода]. *анат.* Ғ а д у д и  п р о с т а т а – ғадуди узви таносули мард, ки тарашшуҳи он ба нутфа ҳамроҳ мешавад; дар коси хурд ҷойгир шудааст.

**ПРОСТАТИ́Т**, [< *простата*]. Варами ғадуди *простата*.

**ПРОСТРА́ТСИЯ (ПРОСТРА́ЦИЯ)**, [< лот. prostratio беҳолӣ]. *тиб.* Бемадорӣ, лакотӣ,

**ПРОТЕЖЕ́**, [фр. protege]. Пуштибондор, ҳомидор, "тағодор"; шахсе, ки таҳти ҳимоя ва пуштибонии касе қарор дорад.

**ПРОТЕ́З**, [< юн. prosthesis часпондан, илова кардан]. Узви ориятӣ; қисми сунъии бадан (мас., даст, пой, дандон, чашм ва м. инҳо), ки узви табиии нобудшударо иваз мекунад.

**ПРОТЕИ́ДҲО**, [< юн. protos якум + eidos намуд]. *хим.* Сафедаҳои мураккабе, ки дар натиҷаи пайваст шудани сафедаҳои сода бо моддаҳои ғайрисафеда (мас., *карбогидридҳо*) ба вуҷуд меоянд.

**ПРОТЕИ́НҲО**, [< юн. protos якум]. *хим.* Сафедаҳои одие, ки фақат аз боқимондаи *аминокислотаҳо* иборатанд; ҷузъи асосии бофтаҳои ҳайвоноту наботот ба шумор меравaнд.

**ПРОТЕ́КТОР**, [< лот. protector ҳомӣ]. Қабати ғафси чархи резинии мошин, ки нақшҳои барҷаста дорад.

**ПРОТЕКТОРА́Т**, [< лот. protectio муҳофизат] *сиёс.* **1**. Давлатеро тахти васоят гирифтани давлати дигар, ки яке аз шаклҳои истисмор ба шумор меравад. **2**. Давлати нисбатан заифе, ки бо вуҷуди расман нигоҳ доштани мустақилияти худ зери ҳимоя ва пуштибонии ягон давлати тавоно қарор дорад.

**ПРОТЕКСИОНИ́ЗМ (ПРОТЕКЦИОНИ́ЗМ)**, [< лот. protectio муҳофизат]. **1**. *иқт., сиёс.* Сиёсати иқтисодии давлат, ки мақсади он аз рақобати хориҷӣ ҳифз намудан ва инкишоф додани иқтисоди миллӣ мебошад; бо роҳи ҷорӣ намудани боҷҳои вазнин барои молҳои воридшаванда, маҳдуд ё манъ кардани воридоти молу маҳсулот амалӣ карда мешавад. **2**. Ошнобозӣ, шиносбозӣ, маҳалчигӣ ҳангоми ба кор гирифтан, ба мансаб таъйин кардан.

**ПРОТЕ́КСИЯ (ПРОТЕ́КЦИЯ)**, [< лот. protectio муҳофизат]. Ҳимоят, сарпарастӣ, дастгирӣ, мусоадат.

**ПРОТЕСТАНТИ́ЗМ**, [< лот. protectans эътирозкунанда + пасв. -*изм*]. Номи умумии мазҳабҳои насронӣ, ки дар рафти Ислоҳоти асри 16 чун эътироз ба муқобили калисои католикӣ ба вуҷуд омада буданд.

**ПРОТИВОГА́З**, [< рус. против муқобил, зид + *газ*]. Ниқоби зидди газ; ҷиҳоз барои муҳофизат кардани узвҳои нафас ва чашму рӯй аз таъсири моддаҳои радиактивӣ, газҳои заҳрнок ва м. инҳо. || Мқс. респиратор.

**ПРО́ТИЙ**, [< юн. protos якум]. *хим.*, *физ.* Сабуктарин ва маъмултарини *изотопи гидроген.* || Мқс. дейтерий.

**ПРОТИСТОЛО́ГИЯ**, [< *протистҳо* + *...логия*]. *зоол.* Ниг. *протозоология.*

**ПРОТИ́СТҲО**, [< юн. protistos аввалинҳо]. *биол.* Якҳуҷайраҳо; организмҳои якҳуҷайра.

**ПРОТО...**, [< юн. protos якум]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки маъноҳои зеринро ифода мекунад: 1) аввалин, нахустин, ибтидоӣ, мас., *протограф*; 2) асосӣ, калон, «сар», мас., *протоиерей.*

**ПРОТО́ГРАФ,** [< *прото...* + *...граф*]. Нахустдастнавис, нахустдастхат; дастнависе, ки дастнависҳои баъдина дар асоси он китобат ё таҳрир шудаанд.

**ПРОТОДЯ́КОН (ПРОТОДЬЯ́КОН)**, [< *прото...* + *дякон*]. Сардякон; дякони калони калисо.

**ПРОТОЗО́А**, [< *прото...* + zoa (zoon) ҳайвон]. *биол.* Номи умумии ҳамаи организмҳои якҳуҷайра (содатаринҳо).

**ПРОТОЗООЛО́ГИЯ**, [< *прото... + зоология*]. Фасли зоология, ки организмҳои якҳуҷайра (содатаринҳо)-ро меомӯзад.

**ПРОТОИЕРЕ́Й**, [< *прото... + иерей*]. Сариерей; *иерейи* (кашиши) калони калисои православӣ.

**ПРОТОКО́Л**, [< юн. protokollon вараќи якуми дастнавис, ки дар он санаи китобат ва номи котиб навишта шудааст]. **1**. Суратмаҷлис; ҳуҷҷати расмие, ки дар он суханони дар маҷлис, ҷамъомад, пурсиш гуфташуда, инчунин қарорҳои қабулшуда пурра навишта шудаанд. || Мқс. стенограмма. **2**. Санаде, ки дар он ягон далел, воқеа, ҳолат тасдиқ карда мешавад. **3**. Санад дар бораи вайрон карда шудани тартиботи ҷамъиятӣ. **4**. Шартномаи хаттии байни давлатҳо оид ба ягон масъалаи муҳим. **5**. Маҷмуи қоидаю анъанаҳое, ки иҷрои амалҳои гуногуни дипломатиро танзим менамоянд.

**ПРОТО́Н**, [< юн. protos якум]. *физ.* Зарраи устувори элементарии мусбатзаряднок, ки дар баробари *нейтрон* ба таркиби ядрои атом дохил мешавад.

**ПРОТОНЕОЛИ́Т**, [< *прото... + неолит*]. *геол.* Охири давраи *мезолит.*

**ПРОТОПЛА́ЗМА**, [< *прото... + плазма*]. Моддаҳои ҳуҷайраи зинда (сафедаҳо, *кислотаҳои нуклеинӣ* ва ғ.).

**ПРОТОПЛА́СТ**, [< *прото...* + plastos сохташуда]. Моддаҳои ҳуҷайраи растанӣ (*ядро, ситоплазма, мембрана* ва ғ.).

**ПРОТОПО́П,** [< *прото... + поп*]. Ниг. *протоиерей.*

**ПРОТОТИ́П**, [< *прото... + тип*]. *адш.* Тимсол; шахси воқеии муосир ё таърихӣ, ки нависанда дар асоси он қаҳрамони адабӣ меофарад.

**ПРОФЕРМЕ́НТ**, [< юн. pro пеш аз + *фермент*]. *биол.* Шакли нофаъоли *фермент.*

**ПРОФЕ́ССОР**, [< юн. professor устод, мураббӣ]. **1**. Унвони илмӣ ва вазифаи омӯзгори мактаби олӣ. **2**. Муаллими мактаби миёна ё колледҷ дар баъзе мамлакатҳои Аврупо ва ИМА. || Мқс. дотсент.

**ПРОФИЛА́КТИКА**, [< юн. prophylaktikos муҳофизаткунанда]. Пешгирӣ; тадбирҳо барои пешгирии ин ё он ҳодиса ё ҳолати нохуш (мас., бeморӣ, сӯхтор, вайроншавии техника ва ғ.).

**ПРОФИЛАКТО́РИЯ**, [< *профилактика*]. Муассисаи табобат ва пешгирии бемориҳо дар назди мактабҳои олӣ, корхонаҳои саноатӣ ва ғ.

**ПРОФИСИ́Т (ПРОФИЦИ́Т)**, [< лот. proficere афзудан, зиёд (баланд) шуданд]. *мол.* Зиёд шудани қисми даромади буҷети давлатӣ назар ба қисми хароҷоти он; баръакси *дефитсит.*

**ПРО-ШОП**, [англ. pro shop]. Фурӯшгоҳи молу таҷҳизоти варзишӣ.

**ПРУЖИ́НА**, [рус.]. *тех.* Фанар; қисми мошин, дастгоҳ, таҷҳизот, асбоб, ки аз сими печони ёзандаи одатан пӯлодин иборат аст; ҳангоми фишурдан кӯтоҳ шуда, ҳангоми сар додан шакли авваларо мегирад.

**ПРЯ́НИК**, [рус. < лот. piper занҷабил]. Як навъ кулчаи хурди ширин, ки бо шакар, асал, мураббо ва ғ. мепазанд; пештар ба он занҷабил низ ҳамроҳ мекарданд ва номаш аз ҳамин ҷост.

**ПСАММОФИ́ЛҲО**, [< юн. psammos регзор +...*фил*]. *зоол.* Ҷонвароне, ки ба зиндагӣ дар регзор мутобиқ шудаанд.

**ПСАММОФИ́ТҲО**, [< юн. psammos регзор +...*фит*]. *бот.* Набототи регзор (биёбонӣ).

**ПСЕВДО**..., [< юн. pseudos дурӯғ]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки маънои дурӯғин, бардурӯғ, шабеҳ, қалбакӣ, сохта, ғайриҳақиқиро дорад, мас., *псевдоанемия, псевдоним*.

**ПСЕВДОАНЕМИ́Я**, [< *псевдо...* + *анемия*]. *тиб.* Камхунии дурӯғин (ғайриҳақиқӣ); паридани ранги пӯст бе тағйирёбии таркиби хун.

**ПСЕВДОНИ́М**, [< *псевдо...* + nomos ном]. Тахаллус; номи мустаор, сохта.

**ПСИТТАКОЗА́ВР**, [< юн. psittakos тӯтӣ +...*завр*]. *пал.* Динозаври хурди растанихӯри давраи бӯр, ки ҷоғҳояш ба минқори тӯтӣ монанд буд (номаш аз ҳамин ҷост).

**ПСИХАСТЕНИ́Я**, [< юн. psyche рӯҳ + astheneia заифӣ]. *тиб.* Бемории рӯҳие, ки бо беҷуръатӣ, нобоварӣ ба худ, ҳаяҷону изтироби пайгир, тарсу ваҳми доимӣ аз ягон чиз зоҳир мегардад.

**ПСИХАТРИ́Я**, [< юн. psyche рӯҳ + iatreia муолиҷа]. Илм дар бораи бемориҳои рӯҳӣ ва муолиҷаи онҳо.

**ПСИ́ХИКА**, [< юн. psychikos рӯҳӣ]. Рӯҳ; рӯҳия; рӯҳиёт; қобилияти воқеиятро дар шакли эҳсосот, идрок, ҳиссиёт ва тафаккур инъикос кардани мағзи сари одам ва ҳайвон.

**ПСИХО...**, [< юн. psyche рӯҳ]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки ба рӯҳ (*психика*) муносибат доштанро ифода мекунад, мас., *психология, психоневроз*.

**ПСИХОАНА́ЛИЗ,** [< *психо...* + *анализ*]. Усули табобати бемориҳои рӯҳӣ ва таълимот дар бораи рӯҳ (*психика*), ки олими австриягӣ Зигмунд Фрейд (1856-1939) пешниҳод намудааст; мувофиқи ин таълимот, барои муолиҷаи бемориҳои рӯҳӣ пеш аз ҳама омӯхтани беморӣ ва тамоми ҳолатҳое, ки ин бемориро ба вуҷуд овардаанд, таҳқиқи амалҳои рӯҳии бешууронаи бемор, аз сари бемор дур кардани майлу рағбатҳои номақбуле, ки боиси сар задани беморӣ гардидаанд, зарур аст.

**ПСИХОГЕНИ́Я**, [< *психо...* + genos ҷинс]. *тиб.* Бемориҳои рӯҳие, ки дар натиҷаи зарбаҳои рӯҳӣ, нобасомониҳои ҳаёт, асабоният ва ғаму андӯҳ пайдо мешаванд.

**ПСИХОГИГИЕ́НА**, [< *психо...* + *гигиена*]. *тиб.* Соҳаи тиб, ки роҳҳои устувор гардондани саломатии рӯҳии одамон ва усулҳои пешгирии бемориҳои рӯҳиро меомӯзад.

**ПСИХОДЕ́ЛИКА**, [англ. psychodelic]. Моддаи мухаддири наботие, ки қувваи идрок ва шуури инсонро заиф мекунад.

**ПСИХО́З**, [< юн. psyche рӯх]. *тиб.* Ҷунун; иллати рӯҳӣ; халал ёфтани фаъолияти рӯҳӣ, ки аксари вақтҳо бо рафтору гуфтори ғайриодии бемор зоҳир мегардад. || Мқс. невроз.

**ПСИХОЛЕ́ПТИКҲО**, [< *психо...* + lepton сабук]. *тиб.* Ниг. *нейролептикҳо.*

**ПСИХОЛОГИ́ЗМ**, [< *психология* + пасв. *-изм*]. **1.** *фалс.* Равияе дар *сотсиология*, ки қонуниятҳои ҳаёти ҷамъиятиро тобеи қонуниятҳои психологияи гурӯҳӣ ё рафтори инфиродӣ мешуморад. **2**. *адш., санъ.* Тасвири амиқи рӯҳия, кайфият ва дунёи ботинии инсон дар адабиёт ва санъат.

**ПСИХОЛО́ГИЯ**, [< *психо...* + *...логия*]. **1**. Равоншиносӣ; илм дар бораи қонуниятҳо, инкишоф ва шаклҳои фаъолияти рӯҳӣ. **2**. Рӯҳия, вазъияти рӯҳӣ, хислатҳои ботинӣ.

**ПСИХОМОТО́РИКА**, [< *психо...* + motor муҳаррик, ҳаракатдиҳанда]. Маҷмуи ҳаракатҳое, ки инсон онҳоро бошуурона идора мекунад.

**ПСИХОНЕВРО́З**, [< *психо...* + *невроз*]. *тиб., куҳна.* Ниг. *невроз.*

**ПСИХОНЕВРОЛО́ГИЯ**, [< *психо...* + *неврология*]. *тиб.* Соҳаи илми тиб, ки *невроз, психопатия* ва диг. бемориҳои рӯҳиро меомӯзад ва роҳҳи пешгирӣ ва табобати ин бемориҳоро муайян мекунад.

**ПСИХОПА́ТИЯ**, [< *психо...* + pathos беморӣ]. Бемории рӯҳӣ; ҷунунӣ; ихтилоли фаъолияти рӯҳии инсон.

**ПСИ́ХОПАТОЛО́ГИЯ**, [< *психо...* + pathos беморӣ + *..логия*]. Фасли *психиатрия*, ки қонуниятҳои пайдоиш ва ҷараёни бемориҳои рӯҳӣ, инчунин роҳҳои пешгирӣ ва табобати онҳоро тадқиқ мекунад. || Мқс. психоневрология.

**ПСИ́ХОТЕРАПЕ́ВТ**, [< *психо...* + *терапевт*]. Мутахассиси *психотерапия.*

**ПСИ́ХОТЕРАПИ́Я**, [< *психо...* + *терапия*]. *тиб.* Усули муолиҷа бо роҳи таъсири рӯҳӣ расондан ба бемор, мас., ба воситаи *гипноз*, талқин ва ғ.

**ПСИХОТРОПӢ́**, [< *психо...* + tropos самт]. *тиб.* Доруҳои психотропӣ – доруҳое, ки ба фаъолияти рӯҳии бемор таъсир мерасонанд, аз қабили *антидепрессантҳо, нейролептикҳо, транквилизаторҳо.*

**ПСИХРО́МЕТР,** [< юн. psychria сардӣ + *...метр*]. Асбоб барои чен кардани ҳарорат ва намии ҳаво аз рӯи нишондоди ду ҳарорастсанҷ (хушк ва тар).

**ПСОРИА́З**, [< юн. psora хоришак]. *тиб.* Шукуфаи пулакчадор; бемории музмини такроршавандаи бесирояти пӯсти инсон. || Мқс. дерматит, экзема.

**ПСОРОПТО́З**, [< юн. psora хоришак]. *байт.* Бемории хоришаки ҳайвонот, ки аз газидани канаҳои ангали псороптид пайдо мешавад.

**ПТЕРАНОДО́Н**, [< юн. pteron бол + anodus бедандон]. *пал. Птерозаври* азимҷуссаи бедандон, ки дар давраи табошир дар соҳилҳои баҳру уқёнус зиндагӣ мекард.

**ПТЕРОЗА́ВРҲО**, [< юн. pteron бол + *...завр*]. *пал.* Сусморҳои парвозкунанда; қатори хазандаҳои мунқариз, ки ба зерсинфи *архозаврҳо* мансуб буда, дар давраҳои юра ва табошир зиндагӣ кардаанд.

...**ПТОЗ**, [< юн. ptosis афтидан, поён фуромадан]. Қисми охири истилоҳҳои мураккаби тиббӣ, ки фуромадани ин ё он узв (мас., гурда, меъда ва ғ.)-ро ифода мекунад.

**ПУА́З**, [аз номи олими фаронсавӣ Ж. Пуазейл (1799-1869)]. *физ.* Воҳиди часпакии модда дар системаи воҳидҳои СГС.

**ПУБЕРТАТӢ**, [юн. pubertatis балоғати ҷинсӣ]. *физиол.* Д а в р а и   п у б е р т а т ӣ – давраи балоғати ҷинсӣ.

**ПУБЛИСИ́СТ (ПУБЛИЦИ́СТ),** [< *публитсистика*]. Нависандае, ки дар жанри *публитсистика* асар (мақола, очерк, памфлет, фелетон ва ғ.) менависад.

**ПУБЛИСИ́СТИКА (ПУБЛИЦИ́СТИКА)**, [< лот. publicus ҷамъиятӣ]. **1.** Жанри адабие, ки ба муҳокимаи масъалаҳои мубрами ҷамъиятию сиёсӣ бахшида шудааст. **2**. Асарҳои дар ин жанр навишташуда.

**ПУД**, [рус.]. Воҳиди вазн, ки ба 16 кг баробар аст.

**ПУ́ДЕЛ (ПУ́ДЕЛЬ)**, [ол. Pudel]. Як навъ саги хонагии ҷингиламӯй.

**ПУ́ДИНГ**, [англ. pudding]. Таоми миллии англисӣ, ки бо орд, тухм, шир, творог, мавиз ва диг. шириниҳо пухта мешавад.

**ПУДРА́Т**, [< рус. подряд]. **1**. Шартномае, ки мувофиқи он як тараф ӯҳдадор мегардад, ки бо супориши тарафи дигар ба ивази музди муайян кореро иҷро кунад. **2**. Коре, ки мувофиқи ҳамин шартнома иҷро карда шудааст.

**ПУДРАТЧӢ**, [< *пудрат*]. Ташкилоти бинокорӣ, ки корҳои пудратиро иҷро мекунад.

**ПУЛ**, [англ. pool]. **1**. Иттиҳод, иттиҳодия. **2**. Як навъ созиши мувaққатии байни соҳибкорон ё ширкатҳо, ки мувофиқи он фоидаи ҳамаи иштирокчиён ба хазинаи умумӣ ворид мегардад ва сипас дар байни онҳо мувофиқи таносуби пешакӣ муқарраршуда тақсим карда мешавад.

**ПУЛВЕЛИЗА́ТОР (ПУЛЬВЕЛИЗА́ТОР)**, [< лот. pulvis гард]. Гардпош; асбоб барои пошидани чизҳои обакӣ ё ордакӣ (мас., атр, ранг, доруи растанӣ ва ғ.).

**ПУЛГА́ДА (ПУЛЬГА́ДА)**, [исп. pulgada]. Воҳиди дарозӣ дар Испания, Филиппин ва баъзе мамлакатҳои Америкои Лотинӣ (аз 2,32 то 2,5 см).

**ПУЛЕМЁТ,** [< рус. пуля тир + метать паррондан]. Аслиҳаи зудпаррони автоматӣ барои тирпарронӣ ба ҳадафҳои дур ва наздик; мусалсал. || Мқс. миномёт.

**ПУ́ЛМАН (ПУ́ЛЬМАН)**, [аз номи ихтироъкори амрикоӣ Ҷ. Пулман (1831-1897)]. Вагони калони чормеҳварии боркаш ё мусофиркаш.

**ПУЛМОНОЛО́ГИЯ (ПУЛЬМОНОЛО́ГИЯ)**, [< лот. pulmo шуш + ...*логия*]. Шушшиносӣ; фасли илми тиб, ки бемориҳои шушро омӯхта, роҳҳои пешгирӣ, ташхис ва табобати онҳоро муайян мекунад. || Мқс. фтизиатрия.

**ПУЛО́ВЕР**, [англ. pullover]. Як навъ либоси бофтаи бегиребон ва бетугма. || Мқс. свитер.

**ПУ́ЛПА (ПУ́ЛЬПА)**, [< лот. pulpa мағз]. **1**. Бофтаи тунуки мағзи дандон. **2**. Бофтаи асосии испурч. **3**. Гӯшти (қисми зерипӯстии) мева. **4**. Лойоба.

**ПУЛПИ́Т (ПУЛЬПИ́Т)**, [< лот. publicus ҷамъиятӣ]. *тиб*. Газаки дардноки бофтаи тунуки мағзи дандон (*пулпа*).

**ПУЛС (ПУЛЬС)**, [< лот. pulsus зарба]. **1**. Набз. **2**. *маҷ*. Суръат, ҳаракат, ҷараён, тапиш, вазъ.

**ПУЛСА́Р (ПУЛЬСА́Р),** [англ. pulsar – ихтисоршудаи Pulsating Sources of Radioemission манбаи радиоафканишот]. *астр*. Манбаи кайҳонии афканишоти радиооптикӣ, рентгенӣ, гамма-афканишот, ки дар шакли импулсҳои (ниг. *импулс* маънои 1) давра ба давра такроршаванда ба Замин меоянд. || Мқс. квазар.

**ПУЛСА́ТОР (ПУЛЬСА́ТОР)**, [< лот. pulsare такон додан]. *тех*. Асбобе, ки такондҳои (*импулсҳои*) мавзун ба вуҷуд меорад.

**ПУЛСО́МЕТР (ПУЛЬСО́МЕТР)**, [< *пулс* + ...*метр*]. *тех*. Асбоби насосмонанд (ниг. *насос*), ки бо ёрии буғ ё газ моеъро фишурда мебарорад ё ба масофае тела медиҳад.

**ПУЛТ (ПУЛЬТ)**, [< лот. pulpitum минбар]. **1**. Мизчаи пойҳояш дароз барои гузоштани нотаҳо. || Мқс. пюпитр. **2**. Асбоби тугмадор барои идора кардани кори телевизор, конденсионер, видеомагнитофон ва ғ. аз масофаи чанд қадам. **3**. Миз ё лавҳае, ки дар рӯи он олатҳои идоракунии ин ё он таҷҳизот, дастгоҳ, мошин ва м. инҳо насб карда шудаанд.

**ПУ́МА,** [исп. puma]. Ҳайвони ваҳшӣ аз оилаи гурбаҳо, ки пашми зарди тираранг дорад; дар қитъаи Амрико зиндагӣ мекунад; кугуар низ гӯянд. || Мқс. ягуар.

**ПУ́НКСИЯ (ПУ́НКЦИЯ)**, [< лот. punctio сӯрох кардан]. *тиб*. Бо сӯзани дарунхолӣ сӯрох кардани ягон узви бадан мас., шуш, сутунмӯҳра, испурч ва ғ. бо мақсади ташхис ё муолиҷаи беморӣ.

**ПУНКТ**, [лот. punctum нуқта]. **1**. Нуқта, марказ, ҷой, маҳал, бунгоҳ, мас., П.-и тиббӣ – маркази (бунгоҳи) тиббӣ, табобатгоҳ. **2.** Модда, банд (дар матни китоб, шартнома ва ҳуҷҷатҳои диг.). || Мқс. параграф. **3**. Хурдтарин воҳиди ченаки матбаавӣ, ки ба 0,376 мм баробар аст.

**ПУНКТИ́Р,** [лот. punctum нуқта]. Хати нуқта-нуқта, қаторнуқта (...) ё канда-канда (_ _ _).

**ПУНКТУА́ТСИЯ (ПУНКТУА́ЦИЯ)**, [лот. punctum нуқта]. Маҷмуи аломатҳои китобат ва қоидаҳои гузоштани онҳо.

**ПУНШ**, [англ, фр. punch < ҳиндӣ panch панҷ]. Нӯшокии спиртӣ, ки аз *роми* ҷӯшон, шакар, об, май, шираи мева тайёр карда мешавад, яъне аз панҷ унсур иборат аст ва номаш аз ҳамин ҷост.

**ПУРИ́ЗМ,** [< лот. purus тоза]. **1**. Кӯшиш (баъзан зоҳирӣ ва намоишкорона) барои тозагии ахлоқ ва риояи қатъии қоидаҳои одоб; порсоӣ; хушахлоқтарошӣ. || Мқс. аскетизм, пуританизм. **2**. *збш*. Кӯшиши тоза кардани забони адабӣ аз ҳар гуна калимаҳои хориҷӣ, неологизмҳо.

**ПУРИТА́НҲО**, [< *пуризм*]. **1**. Пайравони ҷараёни протестантизм, ки барои тоза кардани мазҳаби англиканӣ аз боқимондаҳои католитсизм кӯшиш мекарданд. **2**. Пайравони *пуризм* (маънои 1).

**ПУТСОЛА́Н (ПУЦЦОЛА́Н),** [ит. pozzolan]. *геол*. Ҷинси кӯҳии ковок, маҳсули фавворазании вулқон; ба семент ҳамроҳ мекунанд (барои зуд шах шудани он дар зери об).

**ПУТЧ**, [ол. Putsch]. Табаддулоти давлатӣ, ки аз тарафи гурӯҳи суъқасдчиён анҷом дода шудааст.

**ПУФ, ПУ́ФИК,** [фр. pouf]. Қисми мебел – курсии нарми бепуштак.

**ПУШБО́Л**, [англ. pushball < push тела додан + ball тӯб]. *варз*. Як навъ бозии варзишӣ бо тӯби ниҳоят калон (диаметраш такр. 1,8 м, вазнаш то 30 кг). || Мқс. футбол.

**ПФЕ́ННИГ**, [ол. Pfennig]. Тангаи Олмон то ҷорӣ шудани *евро*; ба 1/100 *марка* баробар буд.

**ПЭР**, [фр. pair, англ. peer]. Унвони олии аъёну ашроф дар Фаронса ва Британияи Кабир, инчунин дорандаи чунин унвон.

**ПЮПИ́ТР**, [фр. pupitre]. **1**. Лавҳаи нотамонӣ, ки ба асбоби мусиқӣ (мас., ба роял) насб карда мешавад. **2**. Лавҳи китобмонӣ.

**ПЮРЕ́**, [фр. puree]. Хамира; сабзавот ё меваи пухта соидашуда.

# Р

**РА,** [миср. қад]. Дар асотири Мисри Қадим – худои офтоб.

**РАВВИ́Н,** [< яҳ. қад. rabbi муаллими ман]. Рӯҳонии яҳудиён. || Мқс. ксёндз, иерей.

**РАВЕЛИ́Н**, [фр. ravelin]. Истеҳкоми секунҷаи пеши девори қалъа. || Мқс. редан, редут, форт.

**РАВИО́ЛИ**, [ит. ravioli]. Як навъ таоми тушберамонанди италиёвӣ.

**РАГУ́**, [фр. ragout]. Таоме, ки аз пораҳои майдаи гӯшт, моҳӣ ё сабзавот иборат аст. || Мқс. азу, гуляш.

**РАД**, [англ. rad < radiation радиатсия]. *физ*. Воҳиди вояи фурӯбурдашудаи шуоафкании ионзо.

**РА́ДА,** [укр., белорус. шӯро]. **1**. Шӯрои халқӣ ё маҷлиси намояндагон дар Украина, Белорусия ва баъзе мамлакатҳои диг. **2**. Номи парламенти Украина.

**РАДА́Р,** [англ. radar < кӯтоҳшудаи radio detection and ranging ёфтан ва муайян кардани масофа бо ёрии радио]. Ниг. *радиолокатор*.

**РАДИА́Н**, [< лот. radius нур, радиус]. *мат*. Воҳиди ченаки кунҷҳои ҳамвор.

**РАДИА́ТОР**, [< лот. radiare нурфишонӣ]. **1.** Асбоби гармкунандаи хонаҳо; аз якчанд қисми (*сексияи*) дарунхолии чӯянӣ ё керамикӣ иборат аст, ки андаруни онҳо буғ ё оби ҷӯш давр мезанад. **2**. Асбоби хунуккунандаи об ё равғани муҳаррики дарунсӯз.

**РАДИА́ТСИЯ (РАДИА́ЦИЯ)**, [< лот. radiare нурфишонӣ]. **1**. Селаи зарраҳо ва квантҳои афканишоти электромагнитӣ. **2**. Ҳама гуна шуое, ки ягон ҷисм ба атроф меафканад, мас. Р.-и офтоб.

**РА́ДИЙ**, [< лот. radius нур]. Элементи химиявии гурӯҳи II системаи даврӣ (Ra); металли дорои хосияти радиоактивӣ.

**РАДИКА́Л**[1], [лот. radicalis решагӣ < radix реша]. **1**. *мат*. Аломати ҷазр, яъне баровардани реша ($\sqrt{\phantom{x}}$). **2**. *физ., хим*. Зарраи ноустувори дорои энергияи барзиёд. **3**. *хим*. Гурӯҳи атомҳои молекула, ки бетағйир аз як пайвасти химиявӣ ба пайвасти дигар мегузаранд.

**РАДИКА́Л**[2], [лот. radicalis решагӣ < radix реша]. **1**. Пайрави *радикализм* (ниг. *радикализм*). **2**. Тарафдори амалҳои қатъӣ, дигаргунсозиҳои куллӣ.

**РАДИКАЛИ́ЗМ**, [< *радикал* + пасв. -*изм*]. Ҳаракати тарафдорони ислоҳоти демократӣ ва дигаргунсозиҳои куллӣ дар ягон минтақа ё, умуман, дар ҷомеа.

**РАДИКАЛӢ**, [< *радикал*]. **1**. Мансуб ба *радикал* ва *радикализм*. **2**. Қатъӣ, куллӣ, ҷиддӣ.

**РАДИКУЛИ́Т,** [< лот. radicula решача]. *тиб*. Газаки решачаҳои асабҳои ҳароммағз, ки бо дарди сахти миён, тахтапушт, гардан зоҳир мегардад. || Мқс. невралгия, неврит, остеохондроз.

**РА́ДИО**, [< лот. radiare нурфишонӣ]. **1**. Усули бе сим ё бо сим фиристодан ва қабул кардани мавҷҳои электромагнитӣ, ки онро с. 1895 олими рус А. С. Попов ихтироъ кардааст. **2.** Соҳаи илм ва техника, ки бо омӯзиш ва истифодаи ин усул дар соҳаҳои гуногун алоқаманд мебошад. **3.** Олате, ки бо ҳамин усул мавҷҳои радиоро қабул мекунад. **4**. Радиошунавонӣ – яке аз воситаҳои ахбори омма.

**РАДИО**...[1], [< *радио*]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки бо радио робита доштани қисми дуюми калимаро ифода мекунад, мас., *радиотехника*, радиошунавонӣ.

**РАДИО**...[2], [< *радиатсия*]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки бо радиатсия робита доштани қисми дуюми калимаро ифода мекунад, мас., *радиотерапия*, *радиобиология.*

**РАДИОАКТИВӢ,** [< *радио*...[2] + лот. activus фаъол]. *физ*. Мансуб ба таҷзияи *ядроҳои* атоми баъзе элементҳои химиявӣ, ки ҳангоми он энергияи ядроӣ хориҷ мешавад.

**РА́ДИОАСТРОНО́МИЯ,** [< *радио*...[2] + *астрономия*]. Фасли *астрономия*, ки Коинотро бо роҳи чен кардани радиоафканишоти кайҳонии ба Замин расида, инчунин радиосигналҳои аз Замин фиристодашаванда таҳқиқ мекунад.

**РА́ДИОБИОЛО́ГИЯ**, [< *радио*...[2] + *биология*]. Фасли *биология* дар бораи таъсири ҳамаи намудҳои афканишоти ионзо ба олами ҳайвоноту наботот, роҳҳои муҳофизат аз *радиатсия*, инчунин истифодаи чунин афканишот дар тиб, кишоварзӣ ва соҳаҳои диг.

**РАДИОГРА́ММА**, [< *радио*...[1] + ...*грамма*]. Хабари радиоӣ; хабари ба воситаи радио фиристодашуда ё қабулшуда.

**РА́ДИОЗО́НД**, [< *радио...*[1] + *зонд*]. Асбоби обуҳавосанҷӣ барои чен кардани ҳарорат, фишор ва намнокии ҳавои қабатҳои болоии атмсофера ва ба Замин фиристодани натиҷаҳои ченкунӣ ба воситаи радио.

**РАДИОКО́МПАС**, [< *радио...*[1] + *компас*]. Радиоқутбнамо; олати радиоии дорои мавҷгири махсус, ки бо ёрии мавҷҳои электромагнии қабулкардааш самти ҳаракати ҳавопаймо ё киштиро нисбати *радиостансия* муайян мекунад.

**РАДИО́ЛИЗ**, [< *радио...*[2] + юн. lysis ҳалшавӣ, ҷудошавӣ]. *хим*. Таҷзияи химиявии моддаҳои гуногун (об, пайвастҳои органикӣ ва ғ.) бо таъсири афканишоти ионзо.

**РАДИОЛО́ГИЯ**, [< *радио...*[2] + *...логия*]. *тиб*. Илм дар бораи назария ва амалияи истифодаи афканишоти ионзо дар ташхис ва муолиҷаи бемориҳо, инчунин таъсири афканишоти мазкур ба организм.

**РА́ДИОЛОКА́ТОР**, [< *радио...*[1] + *локатор*]. Таҷҳизот барои ёфтан ва муайян кардани ҷои объектҳои гуногун (мас., ҳавопаймо, киштӣ ва ғ.) бо ёрии радиомавҷҳои аксёфта (*радиолокатсия*); радар низ гӯянд.

**РА́ДИОЛОКА́ТСИЯ (РА́ДИОЛОКА́ЦИЯ)**, [< *радио...*[1] + лот. locatio мавқеъ]. Усули муайян кардани ҷой ва масофаи объектҳои гуногун (мас., ҳавопаймо, киштӣ ва ғ.) бо ёрии радиомавҷҳои аксёфта.

**РА́ДИОЛО́Т**, [< *радио...*[1] + ҳол. lood *лот*[1]]. Баландисанҷи радиоӣ, ки дар ҳавопаймоҳо истифода мешавад.

**РАДИОЛЯ́РИЯҲО**, [< лот. radiolus нурча, нурак]. *зоол*. Зерсинфи ҷонварони содатарини баҳрӣ.

**РА́ДИОМЕТЕОРО́ГРАФ**, [< *радио...*[1] + *метеорограф*]. Ниг. *радиозонд*.

**РАДИО́МЕТР**, [< *радио...*[2] + *...метр*]. *физ*. Асбоб барои чен кардани ҳар гуна афканишот (оптикӣ, овозӣ, радиоактивӣ ва ғ.).

**РА́ДИОМЕ́ТРИЯ**, [< *радио...*[2] + *...метрия*]. *физ*. Маҷмуи усулҳои чен кардани фаъолияти *радионуклидҳо* дар манбаъҳои радиоактив.

**РА́ДИОНАВИГА́ТОР**, [< *радио...*[1] + navigator баҳрнавард]. *тех*. Асбоб барои аниқ муайян кардани *координатаҳои* географӣ бо ёрии радиосигналҳое, ки се радиостансияи соҳилӣ баробар мефиристанд .

**РА́ДИОНАВИГА́ЦИЯ (РА́ДИОНАВИГА́ТСИЯ)**, [< *радио...*[1] + navigatio шиноварӣ, баҳрнавардӣ]. Муайян кардани мавқеъ ва самти ҳаракати ҳавопаймо ё киштӣ бо ёрии таҷҳизоти радиотехникӣ.

**РА́ДИОНУКЛИ́Д**, [< *радио...*[2] + *нуклид*].*физ*. *Нуклиде*, ки *ядрои* он қобили таҷзияи радиоактивӣ мебошад.

**РА́ДИОПЕ́ЛЕНГ**, [< *радио...*[1] + *пеленг*]. Кунҷи байни *меридиан* ва самти *радиостансияе*, ки дар ҷои муайян қарор дорад.

**РА́ДИОПЕЛЕНГА́ТОР**, [< *радио...*[1] + *пеленгатор*]. Асбоби дорои мавҷгири махсус барои муайян кардани ҷои манбаи радиомавҷҳо. || Мқс. локатор, пеленгатор, радар.

**РА́ДИОСИГНА́ЛҲО**, [< *радио...*[1] + *сигнал*]. *физ*. Мавҷҳои элетромагнитие, ки бо ёрии мавҷгир (*антенна*)-и фиристанда фиристода мешаванд.

**РА́ДИОСТА́НСИЯ (РА́ДИОСТА́НЦИЯ)**, [< *радио...*[1] + *стансия*]. Маҷмуи асбобу таҷҳизот барои қабул ва ирсоли *радиосигналҳо*.

**РА́ДИОТЕЛЕСКО́П**, [< *радио...*[1] + *телескоп*]. Таҷҳизот барои ба қайд гирифтани радиоафканишоти объектҳои кайҳонӣ.

**РА́ДИОТЕРАПИ́Я**, [< *радио...*[2] + *терапия*]. *тиб*. Радиодармонӣ; муолиҷа бо афканишоти ионзои моддаҳои радиоактивӣ, мас., уран.

**РА́ДИОТЕ́ХНИКА**, [< *радио...*[1] + *техника*]. **1**. Соҳаи техника, ки бо омӯзиш ва истифодаи радиомавҷҳо ва лаппишҳои электромагнитии баландбасомад машғул аст. **2**. Асбобу таҷҳизоте, ки ин соҳа истеҳсол менамояд.

**РАДИОФО́БИЯ**, [< *радио...*[2] + *...фобия*]. Радиатсиятарсӣ; тарсу ваҳми пайгир аз ҳамаи он чизе, ки бо *радиатсия* ва афканишоти радиоактивӣ алоқаманд аст.

**РАДИОЭКОЛО́ГИЯ**, [< *радио...*[2] + *экология*]. Соҳаи экология дар бораи сабабу қонуниятҳои ҷамъшавии моддаҳои радиоактивӣ дар организмҳо.

**РА́ДИОЭЛЕКТРО́НИКА**, [< *радио...*[1] + *электроника*]. **1**. Соҳаи илму техника, ки бо қабул кардан, фиристодан ва табдил додани иттилоот дар шакли лаппишҳои электромагнитӣ ва радиомавҷҳо машғул аст. **2**. Асбобу таҷҳизоте, ки ин соҳа истеҳсол менамояд. || Мқс. радиотехника.

**РА́ДИУС**, [< лот. radius нур]. **1**. *геом*. Порчае, ки ин ё он нуқтаи давра ё кураро (*сфераро*) бо маркази он мепайвандад; дарозии ҳамин порчаро низ Р. гӯянд. **2**. *анат*. Устухони банди даст. **3**. *маҷ*. Миқёс, доираи ягон амал.

**РАДО́Н**, [< *радий*]. Элементи химиявии радиоактив (Rn) аз гурӯҳи газҳои инертӣ; рангу бӯй надорад, заҳрнок аст; дар тиб, биология ва техника истифода мешавад.

**РАЗВЕ́ДКА**, [< рус. ҷустуҷӯ, тафтиш]. **1**. Кори оперативии ҳарбӣ барои ҷамъоварии маълумот оид ба душман, мавқеъ, қувва ва миқдори он; аз тарафи қисмҳо ва дастаҳои махсуси ҳарбӣ ё хизматчиёни алоҳидаи ҳарбӣ амалӣ карда мешавад. **2**. Ҷустуҷӯ, иктишофи чизе, мас., маъданҳои зеризаминӣ.

**РАЗРЯ́Д[1]**, [рус.]. **1**. Гурӯҳ, қатор, дараҷа. **2**. *мат*. Ҷои рақам ҳангоми ифодаи хаттии адад.

**РАЗРЯ́Д[2]**, [рус.]. *физ*. Аз ҷараён, *заряд* холӣ кардан (шудан); Р.-и газӣ – маҷмуи ҳодисаҳои электрӣ, оптикӣ ва ҳароратие, ки ҳангоми аз қабати газ гузаштани ҷараёни электр ба амал меоянд.

**РА́ЙДЕР**, [англ. rider]. *варз*. Велосипедрон, мотосиклрон, *скейтер* ва. м. инҳо, ки барои бартараф намудани монеаҳои гуногуни табиӣ ё сунъӣ махсус тайёр карда шудааст.

**РАЙО́Н**, [фр. rayon]. **1**. Ноҳия; воҳиди маъмурии ҳудудӣ дар дохили ҷумҳурӣ, кишвар, вилоят ё шаҳр. **2**. Умуман мавзеъ, минтақа, доира.

**РАКЕ́ТА**, [ол. Rakete]. **1**. Мушаки борутдоре, ки барои *фейерверк* (*ниг. фейерверк, салют*), инчунин дар кори ҳарбӣ барои сигнал додан, равшан кардани мавзеъ, нишон додани мавқеъ ва ғ. истифода мешавад. **2**. Мушак; олати парвозкунандае, ки бо қувваи реактивӣ ҳаракат мекунад.

**РАКЕ́ТКА**, [фр. raquette]. Белчаи теннисбозӣ.

**РАКЕТОДРО́М**, [< ол. Rakete + юн. dromos давишгоҳ]. Майдони васеи муҷаҳҳаз барои озмоиш ва сар додани мушакҳо (*ракетаҳо*). || Мқс. аэродром.

**РАЛЛЕНТА́НДО**, [ит. rallentando]. *мус*. Тадриҷан суст шудани суръати иҷрои асари мусиқӣ.

**РА́ЛЛИ**, [англ. rally]. *варз*. Мусобиқаи чандинрӯзаи мошинронӣ ё мототсиклронӣ бо хатсайр, ҷадвал ва қоидаҳои муайян. || Мқс. авторалли, моторалли.

**РАМБУ́РС**, [< фр. remburser баргардондан]. *мол*. Дар савдои байналмилалӣ – пардохти қарз ё моли харидашуда ба воситаи бонк.

**РА́МПА**, [фр. rampe]. **1**. Таҷҳизоти равшанидиҳандае, ки дар саҳнаи театр (дар пеш ё ақиби он) гузошта мешавад. **2**. Умуман саҳнаи театр.

**РАНГ**, [фр., ол. rang]. **1**. Рутба, унвон. **2**. Дараҷа.

**РАНДЕВУ́,** [< фр. rendez-vous биёед]. **1**. Мулоқот, вохӯрӣ (бештар ошиқона). **2**. Ҷои вохӯрии киштиҳо дар баҳр ва худи ҳамин вохӯрӣ.

**РАНЕ́Т, РАНЕ́ТКА**, [фр. reinette]. Навъи себи дерпазак, ки бештар дар Сибир мерӯяд; меваҳояш хурд-хурди ширинанд. || Мқс. розмарин.

**РАНЖИ́Р**, [фр. ranger]. Сафкашии одамон аз рӯи қад.

**РАНЧЕ́РО**, [исп. ranchero]. Соҳиби *ранчо* (ниг. *ранчо*).

**РА́НЧО**, [исп. rancho]. **1**. Замини калон, мулк дар Амрикои Лотинӣ. **2**. Хоҷагии чорвопарварӣ дар ИМА.

**РАПИ́Д**, [фр. rapide зуд, тез]. Наворбардории босуръат (садҳо *кадр* дар як сония).

**РАПИДО́ГРАФ**, [фр. rapide зуд, тез + *...граф*]. *тех*. Асбоб барои навиштани матн дар нақша ё сурат.

**РАПИ́РА**, [фр. rapiere]. Шамшери борику чандири рост, ки дар мусобиқаи шамшербозӣ истифода мешавад; дар нӯгаш ҷиҳози махсуси электрикӣ дорад, ки ҳангоми ба бадани ҳариф «халондан»-и Р. *сигнал* медиҳад.

**РА́ПОРТ**, [фр. rapport]. **1**. Маълумоти даҳонӣ ё хаттӣ ба номи сардор ё идораи болоӣ. **2**. Маърӯза, хабар дар бораи иҷрои нақша, вазифа, ӯҳдадорӣ.

**РАПП**, [ол. Rappen].Тангаи Швейтсария, Фаронса, Белгия. || Мқс. сентим.

**РАППО́РТ,** [фр. rapport]. Қисми такроршавандаи нақши матоъ, зардеворӣ ва ғ.

**РАПС**, [ол. Raps]. Растании яксолаи баҳорӣ ва тирамоҳӣ, ки аз тухмаш равғани ғизоӣ ва техникӣ мегиранд.

**РАПСО́Д**, [юн. rhapsodos < rhapto мебофам + ode суруд]. *таър*. Ҳофизи оворагард дар Юнони Қадим.

**РАПСО́ДИЯ**, [< *рапсод*]. **1**. Суруд ё достони ҳофизони оворагарди Юнони Қадим (*рапсодҳо*). **2**. Асари мусиқии созию овозие, ки дар ҳавои суруду рақсҳои халқӣ офарида шудааст.

**РАРИТЕ́Т**, [лот. raritas]. Чизи нодир, камёб.

**РАТИ́Н**, [фр. ratine]. Матои ғафсу мулоими пашмин, ки аз он бештар *палто* медӯзанд. || Мқс. драп.

**РАТИФИКА́ТСИЯ (РАТИФИКА́ЦИЯ)**, [лот. ratificatio]. Тасвиб; тасдиқ кардан, ба тасвиб расондан, мас., Р.-и аҳдномаи байналмилалӣ.

**РАТСИОНАЛИЗА́ТОР (РАЦИОНАЛИЗА́ТОР)**, [< *ратсионализатсия*]. Корманди пешқадаме, ки бо *ратсионализатсияи* истеҳсолот ва такмили равандҳои истеҳсолӣ машғул аст; такмилдиҳандаи усулҳои кор.

**РАТСИОНАЛИЗА́ТСИЯ (РАЦИОНАЛИЗА́ЦИЯ)**, [< лот. rationalis оқилона]. Такмили мошин, таҷҳизот, технология, усулҳои иҷрои кору фаъолият ва ғ. бо мақсади зиёд намудани самараи меҳнат, кам кардани арзиши аслӣ, беҳтар намудани сифати маҳсулот.

**РАТСИОНАЛИЗМ (РАЦИОНАЛИЗМ)**, [< лот. rationalis оқилона]. *фалс*. **1**. Ҷараёни фалсафие, ки ақлро асоси ҳастӣ, маърифат ва ахлоқ мешуморад. **2**. *маҷ*. Муносибати бохирадона, мулоҳизакорона ба ҳаёт. **3**. *меъм*. Равияе дар санъати меъмории асри XX; барои ба вуҷуд овардани тарзу усулҳои меъмории замонавие кӯшиш менамуд, ки ба талаботи эстетикии аҳли ҷомеа ва рушди техника ва саноат ҷавобгӯ бошанд.

**РА́ТСИЯ (РА́ЦИЯ),** [< *ра(дио)* + *(стан)тсия*]. *Радиостансияи* хурди сафарӣ.

**РА́ТУША**, [ол. Rathaus < Rat шӯро + Haus хона]. Мақоми худидоракунии шаҳр дар баъзе мамлакатҳои Аврупо ва Россияи асрҳои 18 – 19. || Мқс. мунисипалитет, мэрия, префектура.

**РА́УНД**, [англ. round]. **1**. Дар *бокс* – пайт; як даври мусобиқа, ки се дақиқа давом мекунад. **2**. *мач.* Давра, марҳала.

**РАФИНА́Д**, [фр. raffinade]. Қанди сафед; қанди мошина.

**РА́ФТИНГ**, [англ. rafting]. *варз.* Навъи варзиши обӣ – завракронӣ ё амадронӣ дар дарёҳои шӯхи кӯҳӣ.

**РАХИ́Т**, [< юн. rhachis сутунмӯҳра]. *тиб.* Кӯсоҳ; бемории кӯдакон, ки аз нарасидани витамини D дар организм ва вайрон шудани мубодилаи моддаҳо пайдо мешавад.

**РЕ**, [ит. re]. Аломати дуюми алифбои мусиқӣ.

**РЕ...**, [лот. re…]. Пешванде, ки инҳоро ифода мекунад: 1) такрор ё аз нав барқарор шудани ягон амал, мас., *реверсия*. 2) амали баръакс, мас., *реэвакуатсия*.

**РЕАБИЛИТА́ТСИЯ (РЕАБИЛИТА́ЦИЯ),** [лот. rehabilitatio]. **1**. Барқарор кардани номи нек, шарафи шахси ноҳақ айбдор, маҳкум ё бадном кардашуда. **2**. Барқарор кардани ҳуқуқҳои пештараи касе (бо қарори суд ё бо роҳи маъмурӣ). **3**. *тиб.* Тавонбахшӣ; бо роҳу усулҳои гуногун (мас., муолиҷа, машқҳои ҷисмонӣ ва ғ.) барқарор намудани қобилияти меҳнатии маъюбон, беморон.

**РЕАГЕ́НТ**, [< *реаксия*[1]]. Моддае, ки дар *реаксияи* химиявӣ иштирок мекунад. || Мқс. реактив.

**РЕАКТИ́В**, [< *реаксия*[1]]. *Реагент* дар химияи таҳлилӣ; моддае, ки дар омезиш бо моддаи диг. реаксияи химиявӣ ба вуҷуд меорад.

**РЕАКТИВӢ**, [< *реаксия*[1]]. **1**. *хим.* М о д д а и  Р. – моддае, ки дар вақти таҳлил ё реаксияи химиявӣ чун *реактив* истифода мешавад. **2**. *физ., тех.* Бо фишори баланди теладиҳандаи газ, буғ ва ғ. ҳаракаткунанда, мас., ҳавопаймои реактивӣ. **3**. *физиол., психол.* Ба таъсири омилҳои беруна ҷавобдиҳанда, вокунишнишондиҳанда, мас. амалҳои реактивии организм.

**РЕА́КТОР,** [< *реаксия*[1]]. **1**. *хим.* Таҷҳизот барои гузарондани реаксияҳои химиявӣ. || Мқс. автоклав. **2**. *физ.* Ғалтаки индуксионӣ, ки ҷараёни расиши кӯтоҳро кам мекунад. **3**. *физ.* Таҷҳизоте, ки бо он реаксияи мусалсали идорашавандаи таҷзияи ядрои атом ба вуҷуд оварда мешавад, мас., Р.-и атомӣ.

**РЕАКСИОНЕ́Р (РЕАКЦИОНЕ́Р)**, [< *реаксия*[1]]. Иртиҷоъпараст; тарафдори *реаксияи* сиёсӣ; душмани демократия, рушд ва пешрафт.

**РЕА́КСИЯ (РЕА́КЦИЯ)**[1], [< лот. re зид, муқобил + actio амал]. **1**. Аксуламал; вокуниш; амал ё ҳолате, ки дар ҷавоби таъсире ба вуҷуд меояд. **2**. *физиол.* Вокуниш; ҷавоби организм ба ангезиши дохилӣ ё берунӣ. **3**. *хим., физ.* Таъсири мутақобилаи физикию химиявии байни моддаҳо. **4**. *физ.* Р е а к с и я и  м у с а л с а л и  я д р о й – таҷзияи ядроҳои вазнини атомӣ (уран, плутоний ва ғ.) бо иштироки *нейтронҳо*, ки дар натиҷаи ин энергияи бениҳоят зиёд ҷудо мешавад.

**РЕА́КСИЯ (РЕА́КЦИЯ)**[2], [< лот. re зид, муқобил + actio амал]. Иртиҷоъ; иртиҷоъпарастӣ; реаксияи сиёсӣ – муқобилияти фаъолона ба пешрафти ҷомеа, рушд ва демократия бо мақсади нигоҳ доштани тартиби пештараи давлатдорӣ.

**РЕА́Л**[1], [исп. real]. **1**. Тангаи нуқрагӣ дар Испания ва Португалияи асрҳои 13 – 19. **2**. Воҳиди пули Бразилия.

**РЕА́Л**[2], [ол. Real]. Мизи ҳуруфчинӣ дар матбаа.

**РЕАЛИ́ЗМ,** [< лот. realis ҳақиқӣ, воқеӣ, моддӣ]. **1**. Дар адабиёт ва санъат – ҳақиқатнигорӣ; инъикоси дуруст ва ҳаққонии воқеият. **2**. *фалс*. Равияи фалсафие, ки вуҷуд доштани воқеияти объективӣ ва имкони дарки воқеии онро эътироф менамояд. **3**. *маҷ*. Хуб фаҳмидан ва ба назар гирифтани шароити ҳақиқии мавҷуда, имкониятҳо ва таносуби қувваҳо.

**РЕАЛИ́СТ**, [< *реализм*]. **1**. Пайрави *реализм* (маънои 1). **2**. Мулоҳизакор; шахсе, ки дар фаъолияти худ шароиту имкониятҳои воқеиро хуб мефаҳмад ва ба назар мегирад. **3**. Дар Россияи подшоҳӣ – талабаи омӯзишгоҳи реалӣ (омӯзишгоҳе, ки дар он фанҳои дақиқ дарс дода мешуданд).

**РЕА́ЛИТИ-ШО́У**, [англ. reality show]. Барномаи телевизионии дорои унсурҳои *шоу* дар бораи ҳаёти воқеии одамон дар ягон муддати кӯтоҳ (якчанд рӯз, якчанд моҳ); Р-Ш. одатан дар студия, баъзан дар ҷои кор ё дар хонаи қаҳрамони барнома ташкил карда мешавад.

**РЕА́ЛИЯ**, [< лот. realis ҳақиқӣ, воқеӣ, моддӣ]. Ашё, ҳодиса, ҳолате, ки дар ҳақиқат вуҷуд дорад.

**РЕАЛӢ**, [< лот. realis ҳақиқӣ, воқеӣ, моддӣ]. **1**. Воқеӣ; дар ҳақиқат вуҷуддошта. **2**. Иҷрошаванда; иҷропазир.

**РЕАНИМАТОЛО́ГИЯ,** [< *реаниматсия* + *…логия*]. *тиб*. Соҳаи илми тиб, ки қонуниятҳои таназзули организм, инчунин усулҳои барқарорсозии фаъолияти ҳаётан муҳими организмро меомӯзад.

**РЕАНИМА́ТСИЯ (РЕАНИМА́ЦИЯ)**, [< лот. reanimatio зинда кардан]. *тиб*. Эҳёгарӣ; аз нав зинда кардани организм ҳангоми ҷонканӣ (ҳолати назъ) ва марги клиникӣ.

**РЕ́БУС**, [ол. Rebus]. Чистоне, ки калима ва ҷумлаҳои он бо расм ва ҳарфу аломатҳо ифода карда мешаванд.

**РЕВАКСИНА́ТСИЯ (РЕВАКЦИНА́ЦИЯ)**, [< лот. *ре...* + *ваксинатсия*]. *тиб*. Ваксинагузаронии (моякӯбии) такрорӣ; тазриқи такрории *ваксинаҳо* барои таҳкими муқовимати организм ба бемориҳои сироятӣ.

**РЕВАЛВА́ТСИЯ (РЕВАЛЬВА́ЦИЯ)**, [фр. reevaluation]. *мол*. **1**. Баланд шудани қурби асъор нисбат ба асъори мамлакатҳои дигар. **2**. Ниг. *ревалоризатсия*.

**РЕВАЛОРИЗА́ТСИЯ (РЕВАЛОРИЗА́ЦИЯ)**, [фр. revalorisation]. *мол*. Барқарор намудани мубодилаи пулҳои коғазӣ бо тилло мувофиқи қурби он.

**РЕВАНШИ́ЗМ**, [< фр. revanche ниқор, қасос]. Ниқорталабӣ; ба ҷанги нав тайёрӣ дидани давлат бо мақсади баргардондани замину сарватҳое, ки дар ҷанги пештара аз даст додааст.

**РЕВЕРА́НС**, [< лот. reverentia эҳтиром]. **1**. Таъзим. **2**. *маҷ*. Чоплусӣ.

**РЕВЕРБЕРА́ТСИЯ (РЕВЕРБЕРА́ЦИЯ)**, [< лот. reverberare инъикос кардан]. Акси садои торафт паст ва хомӯшшаванда дар дохили бино баъди қатъ гардидани амали манбаи садо (дар натиҷаи такроран инъикос ёфтани мавҷҳои садо аз сатҳҳои гуногун ба амал меояд).

**РЕ́ВЕРС**, [англ. reverse]. **1**. Тарафи қафои (чаппаи) танга, *медал*. **2**. Кафолатномае, ки соҳиби мол ба капитани киштӣ медиҳад ва мувофиқи он ҷуброни зарари имконпазирро ба зиммаи худ мегирад. **3**. Асбоб барои дигар кардани самти ҳаракати муҳаррик, воситаи нақлиёт ва ғ.

**РЕВЕ́РСИЯ**, [< лот. reversio баргардондан]. **1**. *биол*. Ниг. *атавизм*. **2**. Дар генетика – *мутатсияи* баръакс, яъне шакли аввалаашро гирифтани *гени* мутатсияшуда. **3**. *ҳуқ*. Ба соҳиби аввалааш баргардондани молу мулк.

**РЕВЕ́РСОР**, [< лот. reversare тоб додан]. *тех*. Олате, ки нақшаи ба шабакаи электр пайваст намудани муҳаррики барқиро тағйир дода, самти давр задани онро дигар мекунад.

**РЕВИЗИОНИ́ЗМ**, [< *ревизия*]. *сиёс*. Ҷараёни сиёсие, ки аз нав дида баромадани (*ревизияи*) принсипу нуктаҳои ин ё он таълимот, назария, *консепсияро* талаб мекунад.

**РЕВИ́ЗИЯ**, [< лот. revisio аз нав дида баромадан]. Тафтиш, санҷиш, бозрасӣ, дида баромадан, таҷдиди назар.

**РЕВИЗО́Р**, [< *ревизия*]. Муфаттиш; шахсе, ки бо *ревизия* машғул аст.

**РЕВМАТИ́ЗМ**, [< юн. rheumatismos паҳн шудан (дар бадан)]. *тиб*. Тарбод; варами мафосил; бемории сироятии буғуму мушакҳо, ки бештар ба дилу раг ва узвҳои ҳаракат зарар мерасонад.

**РЕВМАТОЛО́ГИЯ**, [< юн. rheumatismos паҳн шудан + *...логия*]. Тарбодшиносӣ; фасли илми тиб, ки сабабҳои пайдоиш, инкишоф ва ҷараёни тарбод (*ревматизм*) ва бемориҳои ба он наздикро меомӯзад, инчунин усулҳои пешгирӣ ва табобати онҳоро муайян мекунад.

**РЕВМОКАРДИ́Т**, [< *ревматизм* + *кардио...*]. *тиб*. Иллати тарбодии дил; варами дил, ки дар натиҷаи тарбод (*ревматизм*) рӯй медиҳад.

**РЕВОКА́ТСИЯ (РЕВОКА́ЦИЯ)**, [< лот. revocatio бозхонд]. **1.** Бекор кардани супориш ё фармони пештар додашуда. **2**. Бозхонди сафир ба мамлакати худ. **3**. *Чеки* додашударо бекор кардани шахси чекдода.

**РЕВОЛВЕ́Р (РЕВОЛЬВЕ́Р)**, [англ., фр. revolver]. Як навъ таппончаи тирдонаш даврзананда.

**РЕВОЛЮТСИОНЕ́Р (РЕВОЛЮЦИОНЕ́Р)**, [< *револютсия*]. **1**. Инқилобчӣ; инқилобгар; инқилобӣ; иштирокчии фаъоли инқилоб (*револютсия*). **2**. *маҷ*. Нававар; шахсе, ки ба ягон соҳа, кор, фаъолият дигаргуниҳои куллӣ даровардааст.

**РЕВОЛЮ́ТСИЯ (РЕВОЛЮ́ЦИЯ)**, [< лот. revolutio табаддулот]. **1**. Инқилоб; табаддулоти куллӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ, ки дар натиҷаи он як сохти ҷамъиятию сиёсӣ барҳам хӯрда, сохти нав ба вуҷуд меояд, мас., Р.-и кабири сотсиалистии октябр. **2**. *маҷ*. Дигаргунии қатъӣ, табаддулоти куллӣ дар ягон соҳа, мас., Р.-и маданӣ, Р.-и илмию техникӣ.

**РЕВЮ́**, [фр. revue]. **1**. *санъ*. Намоиш дар театр ва эстрада, ки аз аз якчанд саҳначаи алоҳидаи мавзуяшон якхела иборат аст. **2**. Маҷалла.

**РЕГА́ЛИЯ**, [< лот. regalia подшоҳӣ]. **1**. Нишони ҳокимияти подшоҳӣ, аз қабили тоҷ, чӯбдасти салтанат ва ғ. **2**. Умуман ордену медал ва нишонҳои фахрӣ. **3**. *таър*. Иқтаъ.

**РЕГА́ТА**, [ит. regatta]. *варз*. Пойга бо завраққои бодбондор ё киштиҳои хурди муҳаррикдор.

**РЕ́ГБИ**, [англ. rugby – аз номи шаҳри Rugby, ки ватани ин бозӣ аст]. *варз*. Як навъ мусобиқаи даставии варзишӣ бо тӯби харбузашакл, ки ба футбол монанд аст; бозигарон кӯшиш мекунанд, ки тӯбро бо даст ё пой ба майдончаи ҷаримавӣ ё дарвозаи ҳариф партоянд.

**РЕГЕНЕРА́ТСИЯ (РЕГЕНЕРА́ЦИЯ)**, [< лот. regeneratio барқароршавӣ, эҳёшавӣ]. **1**. *биол*. Узвҳо ва бофтаҳои зарардида ё маҳвшудаи худро аз нав барқарор кардани организм (бештар ба растаниҳо ва ҳайвоноти бемӯҳра хос аст). **2**. *тех*. Аз нав барқарор намудан ва дубора истифода бурдани масолеҳи пештар истифодашуда. **3**. *хим*. Барқарор кардани моддае, ки дар *реаксияи* химиявӣ иштирок кардааст, мас., Р.-и ҳаво – тоза кардан аз ангидриди гази карбон ва илова намудани оксиген бо мақсади мувофиқ намудани ҳаво барои нафаскашӣ.

**РЕ́ГЕНТ**, [< лот. regens ҳоким]. **1**. Дар мамлакатҳои подшоҳӣ – ноибуссалтана; шахсе, ки дар мавриди холӣ будани мансаби подшоҳӣ, бемор ё хурдсол будани подшоҳ муваққатан ҳокими мамлакат таъйин карда мешавад. **2**. *Дирижёри хори* калисо.

**РЕГИ́СТР**, [< лот. regerere сабт кардан]. **1**. Феҳрист, рӯихат, дафтари қайд. **2**. Дараҷаи баландии овози сароянда ё асбоби мусиқӣ. **3**. *тех*. Асбоби танзимкунанда дар мошину дастгоҳҳо, ки барои кор кардан дар реҷаҳои гуногун имконият медиҳад. **4**. *инф*. Олати компютер барои ҳифзи *оперативии* иттилоот. **5**. Дар баъзе мамлакатҳо – идораи давлатие, ки вазифаҳои зерин дорад: нашри қоидаҳои киштисозӣ, назорати техникӣ ба ҳолати киштиҳо, муайян кардани мӯҳлати таъмири онҳо ва ғ.

**РЕГИСТРА́ТОР,** [< *регистратсия*]. **1**. Маъмури сабт; корманди муассиса, ки бо сабти (ба қайд гирифтани) ҳуҷҷатҳо машғул аст. **2**. Асбоби худнавис барои сабти (*регистратсияи*) автоматӣ.

**РЕГИСТРА́ТСИЯ (РЕГИСТРА́ЦИЯ)**, [< лот. regerere сабт кардан]. Дар дафтар, китоб, феҳрист ва м. инҳо сабт (қайд) кардани одамон, ҳодисаҳо, ҳолатҳо, далелҳо ва ғ. бо мақсадҳои гуногун; бақайдгирӣ.

**РЕГИСТРАТУ́РА**, [< *регистратсия*]. Шуъбаи сабт (бақайдгирӣ), мас. дар дармонгоҳ.

**РЕГЛА́МЕНТ**, [фр. reglament]. **1**. Тартиби кори ташкилоту муассисаҳо, инчунин тартибу қоидаҳои гузарондани маҷлис, анҷуман, конференсия ва м. инҳо. **2**. Вақте ки барои суханронии иштирокчиёни маҷлис, конференсия ва ғ. муқаррар карда шудааст. **3**. *ҳуқ. сиёс*. Номи баъзе ҳуҷҷатҳои конгрессу конференсияҳои байналмилалӣ.

**РЕГЛА́Н**, [англ. raglan – аз номи генерали англис Raglan, ки ин намуди либосро ҷорӣ кардааст]. Навъи *палто, плаш, куртка*, курта, ки китфу остинаш яклухт мебошад.

**РЕГРЕДИЕ́НТ**, [лот. regrediens]. Ниг. *регрессант*.

**РЕГРЕ́СС,** [< лот. regressus ба ақиб гаштан]. **1**. Таназзул, ақибравӣ; аз дараҷаи баланди рушд ба дараҷаи паст гузаштан; баракси *прогресс*. **2**. *ҳуқ*. Иддао.

**РЕГРЕССА́НТ**, [< лот. regressus ба ақиб гаштан]. *ҳуқ*. Шахсе, ки аз шахси дигар ҷуброни зарари ба вай расондашударо талаб мекунад.

**РЕГРЕ́ССИЯ,** [< лот. regressus ба ақиб гаштан]. *геол*. Аз соҳил дур шудани баҳр дар натиҷаи баландшавии сатҳи хушкӣ, фурӯ нишастани қаъри баҳр ё кам шудани оби он.

**РЕ́ГУЛА**, [< лот. regula қоида, меъёр]. *тиб*. Ниг. *менструатсия*.

**РЕДА́КСИЯ (РЕДА́КЦИЯ)**, [фр. redaction < лот. redactio ба тартиб даровардан]. **1**. Таҳрир. **2**. Идораи рӯзнома, маҷалла ва диг. ВАО. **3**. Шуъбаи нашриёт, ки дастхатҳоро ба чоп тайёр мекунад.

**РЕДА́Н**, [фр. redan]. *ҳарб*. Як навъ истеҳкоми хандақмонанд.

**РЕДЕМАРКА́ТСИЯ (РЕДЕМАРКА́ЦИЯ)**, [фр. redemarcation]. *ҳуқ., ҳарб*. Аниқ ва барқарор кардани аломатҳои сарҳад дар сарҳади давлатӣ.

**РЕДИРЕ́КТ**, [англ. redirect]. *инф*. Дар Интернет – ба таври автоматӣ аз як *сайт* ба сайти дигар фиристодани (гузарондани) истифодабаранда.

**РЕДРЕССА́ТСИЯ (РЕДРЕССА́ЦИЯ)**, [< фр. redresser рост кардан]. *тиб*. Бе чок кардани пӯсти бадан (бе баровардани хун) кашида рост кардан ё ҷобаҷо намудани ягон узви нодуруст ҷойгиршуда ё осебдида, мас., бачадон, даст, по ва ғ.

**РЕДУ́КТОР**, [< лот. reductio ба қафо тоб хӯрдан, ақиб гаштан]. *тех*. **1**. Олат барои аз як навард ба наварди дигар гузарондани даврзанӣ (бо ёрии занҷир ё чархи махсуси дандонадор). **2**. Асбоб барои паст кардани фишори моеъ ё газ.

**РЕДУ́КСИЯ (РЕДУ́КЦИЯ)**, [< лот. reductio баргаштан, қафо рафтан]. **1**. *тех*. Ба раванди осону содаи истеҳсолӣ табдил додани раванди мураккаб; умуман ҳар чизи

мураккабро содатар кардан. **2**. *биол.* Хурд шудани узв, сода шудани сохти он ё барҳам хӯрдани он дар рафти *эволютсия*. **3**. *мол.* Фуромадани қурби биржавии коғазҳои қиматбаҳо ё нархи биржавӣ. **4**. *збш.* Паст ва кӯтоҳ талаффуз шудани садонокҳо дар ҳиҷои безада, мас., садоноки "и" дар ҳиҷои якуми калимаи "биринҷ".

**РЕДУПЛИКА́ТСИЯ (РЕДУПЛИКА́ЦИЯ)**, [< лот. reduplicatio такроршавӣ, дучандшавӣ]. *збш.* Такроршавии реша, асос ё тамоми калима, мас., "кам-кам", "оҳиста-оҳиста".

**РЕДУ́Т**, [фр. redoute]. Як навъ истеҳкоми саҳроӣ, ки бо хандақу хоктӯда иҳода шудааст. ‖ Мқс. бастион.

**РЕЕ́СТР**, [< лот. registrum]. **1**. Феҳрист, рӯихат, номгӯй. **2**. Дафтари қайди ҳуҷҷатҳо.

**РЕЖИ́М**, [< лот. regere идора кардан]. **1**. Сохти давлатӣ; тарзи идоракунӣ, мас., Р.-и подшоҳӣ. **2**. Реҷа, низом, тартиби муқарраршудаи ягон чиз, мас., Р.-и табобат, Р.-и хӯрокхӯрӣ, Р.-и хоб. **3**. Умуман реҷа, низом, тартиб, қоида.

**РЕЖИССЁ́Р**, [< лот. regere идора кардан]. Дар кино, театр, консерт – коргардон, басаҳнагузоранда.

**РЕЗЕ́КСИЯ (РЕЗЕ́КЦИЯ)**, [< лот. resectio буридан]. *тиб.* Бурида партофтани узви иллатдори бадан ё як қисми он. ‖ Мқс. ампутатсия.

**РЕЗЕ́РВ**, [< лот. reservare нигоҳ доштан]. **1**. Захира, манбаи эҳтиётии ягон чиз, мас., Р.-и хӯроки чорво. **2**. Як қисми қувваи ҳарбӣ, ки дар ихтиёри фармондеҳ (*командир*) буда, дар мавриди зарурӣ ба ҷанг даровварда мешавад. **3**. Ҳайати хизматчиёни ҳарбӣ, ки дар вақти сафарбарӣ ба хизмат даъват карда мешаванд.

**РЕЗЕРВА́Т**, [< лот. reservare нигоҳ доштан]. Дар баъзе мамлакатҳо – мамнӯъгоҳ, парваришгоҳи наботот ва ҳайвонот.

**РЕЗЕРВА́ТСИЯ (РЕЗЕРВА́ЦИЯ)**, [< лот. reservare нигоҳ доштан]. **1**. Захира кардан. **2**. Дар ИМА, Канада ва баъзе мамлакатҳои диг. – ҷои истиқомати аҳолии маҳаллӣ, ки аз тарафи империалистон маҷбуран ба он ҷо кӯчонда шудаанд. **3**. *зоол.* Ҷои ғуншавии муваққатии баъзе ҳайвонот, мас., ҳашарот.

**РЕЗИДЕ́НТ**, [< лот. residens нишаста, бошанда]. **1**. Намояндаи дипломатии ягон давлат дар давлати дигар, ки мартабааш аз сафир пасттар аст. **2**. Шаҳрванди ягон мамлакат, ки доимо дар мамлакати дигар зиндагӣ мекунад. **3**. Вакили махфии разведкаи давлати хориҷӣ, ки дар ҳудуди ягон мамлакат ё дар минтақаи алоҳидаи он амал карда, ба ҷосусони дигар роҳбарӣ менамояд.

**РЕЗИДЕ́НТСИЯ (РЕЗИДЕ́НЦИЯ)**, [< лот. residens нишаста, бошанда]. Қароргоҳ.

**РЕЗИ́НА**, [< лот. resina қатрон, зифт]. Масолеҳи ёзанда, ки аз *каучук* ҳосил карда мешавад.

**РЕЗИ́СТОР**, [< лот. resisto муқобилият нишон медиҳам]. Олати ба занҷири электр пайвастшудае, ки ба ҷараёни электр муқовимат нишон дода, қувваи ҷараён ва шиддатро ба низом медарорад.

**РЕЗО́Л**, [< лот. resina қатрон, зифт + oleum равған]. Ниг. *бакелит*.

**РЕЗОЛЮ́ТСИЯ (РЕЗОЛЮ́ЦИЯ)**, [< лот. resolutio қарор]. **1**. Қарори маҷлис, анҷуман, конференсия ва ғ., ки баъди муҳокимаи масъала (масъалаҳо) қабул карда шудааст. **2**. Хулоса ё амри сардор, ки дар рӯи ҳуҷҷат (мас., ариза, мактуб ва ғ.) навишта шудааст. **3**. *ҳуқ*. Қисми хотимавии қарори суд.

**РЕЗОНА́НС**, [< лот. resonans акскунандаи садо]. **1**. *тех., физ*. Лаппишҳои як ҷисмро ангезиш додани лаппишҳои баробарбасомади ҷисми дигар. **2**. *маҷ*. Акси садо, таъсир, вокуниш, таассур(от).

**РЕЗО́РБСИЯ (РЕЗО́РБЦИЯ)**, [< лот. resorbere ҷаббидан]. **1**. Ҷаббиш. **2**. *тиб*. Нест шудан, гаштан, мас., Р.-и варам – нест шудани (гаштани) варам.

**РЕ́ЗУС**, [лот. rhesus]. **1**. Як навъ маймуни биниборик. **2**. Ниг. *резус-фактор*.

**РЕ́ЗУС-ФА́КТОР**, [< *резус* + *фактор*]. *тиб*. Моддаи махсусе, ки дар хуни маймуни *резус* ва 85%-и одамон вуҷуд дорад; мувофиқ будан ё набудани хуни модару насл, инчунин хуни хундиҳанда (*донор*) ва *ретсипиентро* муайян мекунад.

**РЕЗЮМЕ́**, [фр. resume]. Тавсифи мухтасари моҳияти рисола, мақола, маърӯза ва ғ.; хулосаи мухтасари онҳо.

**РЕИ́МПОРТ**, [< *ре...* + *импорт*]. *тиҷ*. Аз хориҷа гардонда овардани (*импорти*) молҳои ватанӣ бе такмилу коркарди онҳо дар он ҷо, мас., молҳои ба фурӯш нарафта.

**РЕИНВЕСТИ́ТСИЯ (РЕИНВЕСТИ́ЦИЯ)**, [< *ре...* + *импорт*]. *тиҷ*. Сармоягузории такрорӣ, иловагӣ аз ҳисоби даромади сармоягузории аввала.

**РЕИНКАРНА́ТСИЯ (РЕИНКАРНА́ЦИЯ)**, [< *ре...* + in дар, ба + caro ҷисм, бадан]. Аз як ҷисм (бадан) ба ҷисми (бадани) дигар кӯчидани рӯҳ. || Мқс. метемпсихоз.

**РЕИНФЕ́КСИЯ (РЕИНФЕ́КЦИЯ)**, [< *ре...* + *инфексия*]. *тиб*., *байт*. Ба одам ё ҳайвон такроран сироят кардани худи ҳамон микроорганизмҳои бемориовар (баъди сиҳатшавӣ).

**РЕЙ, РЕЯ**, [ҳол. ra]. Дастаки кӯндаланги болову поёншавандаи сутуни киштӣ, ки ба он бодбон мебананд, мавҷгир, байрақчаву чароғакҳои сигналдиҳанда насб мекунанд.

**РЕЙВ,** [< англ. rave наъра, доду фиғон]. *мус*. Равияе дар рақсу мусиқии муосир, ки ба он оҳангҳои пуршӯр, садои баланди асбобҳои мусиқии электронӣ ва бозии чароғҳои гуногунранг хос мебошад; дар байни ҷавонон маъмул аст.

**РЕ́ЙВЕР,** [англ raver < rave наъра, доду фиғон]. Мухлиси *рейв*.

**РЕЙД**[1], [ҳол. reede]. Лангаргоҳ.

**РЕЙД**[2], [англ. raid]. **1**. *ҳарб*. Ҳамла ба ақибгоҳи душман. **2**. Тафтиши ногаҳонии фаъолияти корхона, муассиса ва ғ. аз тарафи намояндагони мақомоти давлатӣ ё аҳли ҷомеа.

**РЕЙДЕР**[1], [англ. raider]. Киштии ҳарбӣ, киштии зериобӣ ё ҳавопаймое, ки дар роҳҳои баҳрӣ бо мақсади забт ё нест кардани киштиҳои душман мустақилона амалиёт мегузаронад.

**РЕЙДЕР**[2], [англ. raider]. Узви гурӯҳе, ки ин ё он муассиса, корхонаро бо мақсади азони худ кардан ё иваз намудани роҳбари он зӯран ғасб мекунад.

**РЕ́ЙНҶЕР (РЕ́ЙНДЖЕР)**, [англ. ranger]. Дар қувваҳои мусаллаҳи ИМА – хизматчии ҳарбии дастаи коммандос (ниг. *коммандаос*).

**РЕЙС**, [< ол. Reise саёҳат]. Роҳи ҳавопаймо, киштӣ, автобус ва ғ. бо хатсайри муайян.

**РЕ́ЙСМАС, РЕ́ЙСМУС,** [< ол. Reiβmaβ саёҳат]. *тех*. Асбоби дуредгарию челонгарӣ барои кашидани хатҳои мувозӣ (*паралел*).

**РЕ́ЙТИНГ**, [англ. rating]. Дараҷаи маъруфияти шахс, мамлакат ва ғ., ки бо роҳи пурсиши сотсиологӣ, пурсиши коршиносон (*экспертҳо*), овоздиҳӣ муайян карда мешавад.

**РЕ́ЙТУЗ**, [ол. Reithosen]. Шими танги занона, ки ба пойҳо часпида меистад.

**РЕЙХ**, [ол. Reich давлат, империя]. *таър*. Олмони гитлерӣ.

**РЕ́ЙХКА́НСЛЕР (РЕ́ЙХСКА́НЦЛЕР)**, [ол. Reichskanzler]. *таър*. Сардори ҳукумати Олмон аз с. 1871 то с. 1945.

**РЕ́ЙХСТА́Г**, [ол. Reichstag]. *таър*. Парламенти Олмон аз с. 1871 то с. 1945, инчунин бинои ҳамин парламент.

**РЕКВИЗИ́Т**, [< лот. requisitum зарурӣ]. **1**. Маҷмуи ашёи ҳақиқӣ ё сохта (*бутафорӣ*), ки дар намоиши театр ё филмбардорӣ истифода мешаванд. **2**. Маълумот дар ҳуҷҷат (мас., шартнома), ки ба туфайли он ҳуҷҷат эътибори ҳуқуқӣ пайдо мекунад, аз қабили рақами суратҳисоб дар бонк, суроғаи ҳуқуқӣ ва ғ.

**РЕКЛА́МА**, [< лот. reclamare дод задан]. **1**. Бо роҳу воситаҳои гуногун, мас., бо ВАО паҳн намудани эълон, хабар дар бораи молу хизматҳо, таърифу тавсифи онҳо бо мақсади ҷалб намудани диққати харидорон ва истифодабарандагони имконпазир. **2**. Ташҳир; бо роҳи таърифу тавсиф машҳур гардондани касе.

**РЕКЛАМА́ТСИЯ (РЕКЛАМА́ЦИЯ)**, [< лот. reclamatio эътироз, маъқул надонистан]. **1**. Эътироз, шикоят, даъво. **2**. Даъвои товонгирӣ барои паст будани сифати моли фиристодашуда ё хизмати расондашуда.

**РЕКОНВЕ́РСИЯ**, [...*ре* + < лот. conversio гардондан, табдил додан]. *иқт.* Аз истеҳсоли маҳсулоти ҳарбӣ ба истеҳсоли маҳсулоти гражданӣ гузарондани иқтисоди мамлакат баъди тамом шудани ҷанг.

**РЕКО́РД**, [< англ. to record сабт намудан]. **1**. Дастоварди олитарин дар мусобиқаи варзишӣ ё дар ягон фаъолияти дигар; рекордҳои умумиҷаҳонӣ дар Китоби рекордҳои Гиннес навишта мешаванд. **2**. *маҷ.* Комёбӣ; дараҷаи баландтарин ё зуҳуроти олитарини чизе.

**РЕКОРДЕР**, [< англ. recorder]. *тех.* **1**. Олат барои сабти механикии овоз, видео. **2**. *Индикатори* таҷҳизоти *гидролокатсионии* киштӣ барои дар коғаз сабт намудани сигналҳои овозии аксёбанда.

**РЕКОРДСМЕН,** [< англ. recordsman]. Шахсе, ки дар мусобиқаи варзишӣ ё дар ягон фаъолияти дигар муваффақияти барои дигарон дастнорас (*рекорд*) нишон додааст.

**РЕКРЕА́ТСИЯ (РЕКРЕА́ЦИЯ),** [< лот. recreatio барқарор кардан]. **1**. Танаффус ё таътил дар мактаб. **2**. Истироҳат, дамгирӣ, барқарор намудани қувва.

**РЕКРЕДИТИ́В**, [...*ре* + лот. creditum вакил, намоянда]. **1**. Намояндаи дипломатии худро бозхондани давлат. **2**. Номаи бозхост; номаи ҳукумат ба намояндаи дипломатӣ дар бораи ба ватан баргаштани ӯ. || Мқс. агреман.

**РЕ́КРУТЕР**, [англ. recruiter]. Корманди ширкат, ки бо рекрутинг машғул аст (ниг. *рекрутинг*)

**РЕ́КРУТИНГ**, [англ. recruiting]. Киро кардани коргарон барои кор дар хориҷа (тавассути агентиҳои махсус), инчунин интихоб намудани кормандон барои худи ширкат.

**РЕ́КТОР**, [лот. rector роҳбар, мудир]. Роҳбари (раиси) мактаби олӣ. || Мқс. декан, директор.

**РЕКТОРА́Т**, [< лот. rector роҳбар, мудир]. Садорати мактаби олӣ, ки ба он ректор роҳбарӣ мекунад. || Мқс. деканат, дирексия.

**РЕКТОСКОПИ́Я**, [< лот. rectum рӯдаи рост + ...*скопия*]. *тиб.* Муоинаи рӯдаи рост бо ёрии асбоби махсус (*эндоскоп*).

**РЕЛАКСА́НТҲО**, [< лот. relaxatio суст кардан, ором кардан]. *тиб.* Доруҳои оромибахш, бартарафкунандаи тарангии мушаку асабҳо.

**РЕЛАКСА́ТСИЯ (РЕЛАКСА́ЦИЯ)**, [лот. relaxatio суст кардан, ором кардан]. *тиб.* **1**. Бартараф кардани тарангии мушаку асабҳо. **2**. *физиол.* Халташавӣ, беҳолшавии мушакҳо. **3**. *физ.* Тадриҷан ба ҳолати мувозина баргаштани ин ё он система баъди қатъ гардидани таъсири қуввае, ки онро аз ҳолати мувозина баровардааст.

**РЕЛЕ́**, [фр. relais]. *тех.* Асбоби худкори пайвасткунанда ва ҷудокунандаи занҷири электрӣ (бо таъсири омилҳои берунӣ, мас., гармӣ, хунукӣ ва ғ.).

**РЕЛЕВАНТӢ**, [англ. relevant]. **1**. Муҳим, асосӣ, қатъӣ. **2**. *збш*. Барои воҳидҳои гуногуни забонӣ хизматкунанда.

**РЕЛИ́КВИЯ,** [< лот. reliquiae боқимонда]. Чизҳое, ки чун ёдгорӣ аз замони гузашта азизу муқаддас дониста мешаванд.

**РЕЛИ́КТ**, [< лот. reliquiae боқимонда]. **1**. Ашё, набототу ҳайвоноти аз давраҳои қадим боқимонда. **2**. *маҷ*. Шахси куҳансоле, ки шоҳиди воқеаҳои муҳими таърихӣ будааст.

**РЕЛЙЕ́Ф (РЕЛЬЕ́Ф)**, [фр. relief]. **1**. *меъм., санъ*. Нақши муқарнас; нақши барҷаста дар сатҳи ҳамвор, мас., дар девор, сақф ва ғ. **2**. *геогр*. Сохти сатҳи замин, мас., пастию баландиҳо, қаъри баҳру уқёнусҳо ва ғ.

**РЕЛС (РЕЛЬС)**, [англ. ralis]. Роҳи оҳанин, ки поезд, трамвай, крани борбардор аз болои он ҳаракат мекунад.

**РЕЛЯТИВИ́ЗМ,** [< лот. relativus нисбӣ]. *фалс*. Таълимоти фалсафие, ки имконияти дарки олами объективиро инкор намуда, ҳамаи донишҳоро нисбӣ, шартӣ мешуморад.

**РЕЛЯ́ТСИЯ (РЕЛЯ́ЦИЯ)**, [< лот. relatio хабар, маълумот]. **1**. Маълумоти хаттӣ дар бораи амалиёти ҳарбӣ, натиҷаҳои гуфтушуниди дипломатӣ. **2**. *ҳарб*. Тавсифи корнамоии ҷангӣ ҳангоми ба мукофот пешниҳод кардан.

**РЕМА́РКА**, [фр. remarque]. **1**. Қайд, эзоҳ дар ҳошияи китоб ё дар байни сатрҳо. **2**. Эзоҳи иловагии муаллиф дар матни пйеса оид ба ҳолат, тарзи ҳаракату суханронии қаҳрамонҳои асар ва ғ.

**РЕМА́РКЕТИНГ**, [англ. remarketing]. *тиҷ*. Яке аз намудҳои *маркетинг*, ки вазифаи он барқарор намудани талабот ба молу хизматҳо мебошад (дар сурати кам шудани талабот ба онҳо).

**РЕМЕ́ЙК, РИМЕ́ЙК**, [англ. remake]. Намунаи (*версияи*) нави филми пештар гирифташуда.

**РЕМИ́З**, [фр. remise]. **1**. *мол*. Пардохти пул тавассути интиқоли вексел ба номи шахсе, ки бояд ба ӯ пул пардохт карда шавад. **2**. *тиҷ*. Хизматона; фоизпулие, ки *маклери* биржа ба ин ё он шахс барои миёнаравиаш дар харидуфурӯши коғазҳои қиматнок медиҳад.

**РЕМИЛИТАРИЗА́ТСИЯ (РЕМИЛИТАРИЗА́ЦИЯ)**, [...*ре* + лот. militaris ҳарбӣ]. Қувваҳои мусаллаҳ ва иқтидори ҳарбии худро аз нав барқарор намудани давлати пештар беяроқ кардашуда.

**РЕМИ́ССИЯ**, [< лот. remissio коҳиш]. **1**. *мол*. Кам карда, яклухт намудани маблағи пардохт. **2**. *тиб*. Ифоқат; беҳбудии муваққатии ҳолати бемор; муваққатан паст шудани шиддати беморӣ.

**РЕМО́НТ¹**, [фр. remonte дуруст кардан]. Тармим, таъмир; соз кардан.

**РЕМО́НТ²**, [фр. remonte дуруст кардан]. **1**. Пур кардани ҷои аспҳои дар ҷанг нобудшуда. **2**. *кшв*. Такмил; пурра кардани подаю рама бо роҳи парвариш намудани гӯсолаю баррачаҳо.

**РЕНЕГА́Т**, [фр. renegat]. Хоин, маслакфурӯш, муртад.

**РЕНЕССА́НС**, [< фр. Renaissance Эҳё]. **1**. *таър*. Давраи Эҳё; давраи рушд ва нашъунамои пуравҷи илму санъати як қатор мамлакатҳои Аврупо дар асрҳои 14 – 18; Р. ба ҷаҳонбинии пешқадами гуманистӣ ва принсипҳои ҳаётдӯстонаи реалистӣ дар санъат ибтидо гузошт; дар ин давра кашфиёту ихтироъҳои бузург ба вуҷуд омаданд, шавқу ҳаваси мардум ба адабиёту санъати атиқа бедор гашт. **2**. Сабки меъмории ҳамин давра.

**РЕ́НИЙ**, [лот. Rhenium – аз номи дарёи Рейн (Олмон)]. Элементи химиявӣ, металли хокистарранги хеле душворгудоз аз гурӯҳи VII системаи даврӣ (Re).

**РЕ́НТА**, [ол. Rente]. Даромади мунтазам аз сармоя, замин ё молу мулк, ки аз гирандааш бо фаъолияти соҳибкорӣ машғул шуданро талаб намекунад.

**РЕНТГЕ́Н**, [ол. Rontgen – аз номи физики олмонӣ В.К.Рентген (Rontgen)]. **1**. Воҳиди вояи (*дозаи*) афканишоти электромагнитии ионзо ё гамма-афканишот. || Мқс. грей. 2. *тиб*. Ниг. *рентгеноскопия*.

**РЕНТГЕНО...**, [< *рентген*]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки бо афканишоти рентгенӣ робита доштанро ифода мекунад, мас., *рентгенотерапия*.

**РЕНТГЕНОГРА́ММА,** [< *рентгено...* + *...грамма*]. Сурати объекти тадқиқшаванда, мас., ягон узви одам, ки ба воситаи нурҳои рентгенӣ дар *плёнка* ё *пластинка* гирифта шудааст.

**РЕНТГЕНОДЕФЕКТОСКОПИ́Я,** [< *рентгено...* + лот. defectus нуқсон]. Усули муайян кардани нуқсонҳои дохилии масолеҳу маснуот бо ёрии нурҳои рентгенӣ.

**РЕНТГЕНОДИАГНО́СТИКА,** [< *рентгено...* + *диагностика*]. *тиб*. Ташхиси рентгенӣ; усули ташхиси бемориҳо бо ёрии нурҳои рентгенӣ.

**РЕНТГЕНОЛО́ГИЯ,** [< *рентген* + *...логия*]. Рентгеншиносӣ; илм дар бораи афканишоти рентгенӣ ва усулҳои истифодаи он.

**РЕНТГЕНО́МЕТР,** [< *рентгено...* + *…метр*]. Асбоб барои чен кардани миқдори нурҳои рентгенӣ ва гамма-афканишоте, ки модда ҷабидааст.

**РЕНТГЕНОСКОПИ́Я,** [< *рентгено...* + *…скопия*]. Бо ёрии нурҳои рентгенӣ дидани сохти дарунии ҷисмҳо; дар тиб ва техника истифода мешавад.

**РЕНТГЕНОТЕРАПИ́Я,** [< *рентгено...* + *…терапия*]. Муолиҷаи бемориҳо бо ёрии нурҳои рентгенӣ.

**РЕ́НТИНГ**, [англ. renting]. *тиҷ*. Ба мӯҳлат кӯтоҳ иҷора гирифтани мошин ё таҷҳизот бе ҳуқуқи минбаъд онҳоро харидани иҷорагир.

**РЕОБА́ЗА**, [юн. rheos ҷараён + basis асос]. *физиол.* Камтарин бузургии шиддати ҷараёни электр, ки барои ангезиш додани бофтаи зинда кофист.

**РЕОБИО́НТҲО**, [юн. rheos ҷараён + *бионт*]. Набототу ҷонвароне, ки дар обҳои равон (ҷӯйҳо, дарёҳо) зиндагӣ мекунанд. || Мқс. катаробионтҳо, сапробионтҳо.

**РЕОЛО́ГИЯ**, [юн. rheos ҷараён + *...логия*]. *физ.* Соҳаи физика, ки ҷараён ва шаклтағйирдиҳии (*деформатсияи*) ҷисмҳои часпак, чандир ва ёзандаро меомӯзад.

**РЕО́МЕТР**, [юн. rheos ҷараён + *...метр*]. Асбоб барои чен кардани сарфи газ.

**РЕОСТА́Т**, [юн. rheos ҷараён + statos ҳолат]. Асбоб барои танзим ё маҳдуд кардани қувваи ҷараён ва шиддати он. || Мқс. стабилизатор.

**РЕОФИ́ЛҲО**, [юн. rheos ҷараён + *...фил*]. Ҷонвароне, ки дар обҳои равон (ҷӯйҳо, дарёҳо) зиндагӣ мекунанд. || Мқс. катаробионтҳо, реобионтҳо.

**РЕПАРА́ТСИЯ (РЕПАРА́ЦИЯ)**, [< лот. reparatio барқарор кардан]. **1.** Товони ҷанг; товоне, ки давлати мағлуб барои зарари моддии дар ҷанг расондааш ба давлати ғолиб медиҳад. || Мқс. контрибутсия (маънои 2). **2**. *биол.* Қобилияти сохти КДН (ДНК)-и зарардидаи худро барқарор кардани бофтаҳо.

**РЕПАТРИА́НТ**, [< *репатриатсия*]. Шахсе, ки дар натиҷаи *репатриатсия* (ниг. *репатриатсия*) ба ватан баргаштааст.

**РЕПАТРИА́ТСИЯ (РЕПАТРИА́ЦИЯ)**, [< *ре...* + юн. patria ватан]. Ба ватан баргаштани (ё овардани) асирони ҳарбӣ, муҳоҷирон, гурезаҳо. || Мқс. депортатсия.

**РЕ́ПЕР**, [< фр. repere аломат, нишона]. **1**. геод. Аломат, нишона дар маҳал, ки баландии мутлақи ҳамон маҳалро нишон медиҳад. **2**. *ҳарб.* Нуқтае, ки тӯпи артиллерӣ аввал ба сӯи он тир мепарронаду сипас ба сӯи ҳадафи асосӣ (одатан бо мақсади озмоиши тӯп). **3**. *мат.* Ду ё се векторе, ки тартибашон муайян буда, аз як нуқтаи муштарак самт гирифтаанд.

**РЕПЕРТУА́Р**, [< лот. repertorium рӯихат, номгӯй]. **1**. Маҷмуи асарҳои драмавӣ, мусиқӣ ва ғ., ки дар театр, консерт ва м. инҳо иҷро карда мешаванд. **2**. Маҷмуи асарҳое, ки театр, оркестр, ансамбл ё артист иҷро мекунад.

**РЕПЛАНТА́ТСИЯ (РЕПЛАНТА́ЦИЯ)**, [< *ре...* + plantatio кӯчондан]. *тиб.* Дар ҷои пештарааш шинондан (дӯхтан)-и узв ё бофтае, ки дар натиҷаи садама аз бадан ҷудо шудааст.

**РЕ́ПЛИКА**, [фр. replique]. **1**. Луқма, ҷавоб, эрод ба гапи ҳамсӯҳбат; гаппароӣ. **2**. Калимаи охирини сухани *актёр*, ки баъди он актёри дигар бояд гап занад. **3**. *мус.* Ҳусни такрор; бо овоз ё оҳанги дигар такрор кардани ҳамон як банди асари мусиқӣ.

**РЕПОЗИ́ТСИЯ (РЕПОЗИ́ЦИЯ)**, [< лот. repositio рост кардан]. *тиб.* Шикастабандӣ; ҷо ба ҷо кардани устухон ё буғумҳои шикаста, ғеҷида.

**РЕПО́РТ**, [фр. report]. *тиҷ.* Фурӯхтани асъори хориҷӣ ё коғазҳои қиматнок бо шарти аз нав харидани онҳо баъди мӯҳлати муайян бо қурби нави нисбатан баланд.

**РЕПОРТА́Ж**, [< англ. to report хабар додан]. Хабар дар бораи ягон воқеаи муҳими рӯз бевосита аз ҷои воқеа (тавассути матбуот, радио, телевизион).

**РЕПРЕЗЕНТА́НТ**, [фр. representat]. Вакил, намоянда.

**РЕПРЕЗЕНТАТИВӢ**, [фр. representatif]. Муътабар, муътамад, хоса, намунавӣ.

**РЕПРЕССА́ЛИЯ**, [лот. reprehendere нигоҳ доштан, боздоштан]. *ҳуқ.* Дар ҳуқуқи байналмилалӣ – ҷазое, ки як давлат нисбат ба давлати дигар ҷавобан ба кирдорҳои ғайриқонунии он истифода мебарад (бо мақсади маҷбурсозӣ ба бас кардани ин кордорҳо ва додани товони зарари расондашуда). || Мқс. реторсия, санксия.

**РЕПРЕ́ССИЯ**, [лот. repressio пахш кардан]. Ҷазо, чораи ҷазо, ки давлат нисбати одамони номатлуб истифода мебарад.

**РЕПРИВАТИЗА́ТСИЯ (РЕПРИВАТИЗА́ЦИЯ)**, [< *ре...* + *приватизатсия*]. Хусусигардонии моликияти давлатие, ки пештар ба шахсони алоҳида тааллуқ дошта, баъдтар миллӣ кунонда шуда буд.

**РЕПРИ́ЗА**, [< фр reprise такрор кардан]. **1**. *санъ.* Дар сирк ва эстрада – зарофат, базла, шӯхӣ. **2**. *варз.* Дар шамшербозӣ – зарбаи такрорӣ. **3**. *мус.* Такрор кардани ягон банди асари мусиқӣ ва аломати *нота*, ки ба зарурати чунин такрор ишора мекунад.

**РЕПРИ́НТ**, [< англ. to reprint такроран нашр (чоп) кардан]. Бознашр; аз нав чоп кардани китоб бе ягон тағйирот (бо нигоҳ доштани ороиши рассомӣ ва полиграфӣ).

**РЕПРОГРА́ФИЯ**, [< *репро(дуксия)* + *...графия*]. Номи умумии намудҳои гуногуни нусхабардории ҳуҷҷатҳо.

**РЕПРОДУКТИВӢ**, [< лот. reproducere аз нав ба вуҷуд овардан]. *биол.* **1**. Мансуб ба *репродуксия*. **2**. Қобили *репродуксия* (маънои 3); с и н н и Р. – синни наслофарӣ; қ о б и л и я т и Р. – қобилияти организм ба офаридани насл; с о л и м и и Р. – солимии узвҳое, ки дар офаридани насл иштирок мекунанд.

**РЕПРОДУ́КТОР,** [< лот. reproducere аз нав ба вуҷуд овардан]. Баландгӯяк; карнайи радио; радиокарнай; асбобе, ки лаппишҳои электриро ба лаппишҳои овозӣ табдил дода, садо мебарорад.

**РЕПРОДУ́КСИЯ (РЕПРОДУ́КЦИЯ)**, [< лот. reproducere аз нав ба вуҷуд овардан]. **1**. Бо усули фотографӣ ва полиграфӣ кӯчондан ва зиёд кардани нусхаи сурат, нақша, ҳуҷҷат ва ғ.; нусхаи чопӣ. **2**. *биол.* Афзоиши насл; наслдиҳӣ. **3**. *психол.* Тазаккур; ба ёд овардани чизи дар хотир нақшбаста.

**РЕПТИ́ЛИЯҲО**, [< лот. reptilis хазанда]. *зоол.* Хазандаҳо: морҳо, сусморҳо, бӯқаламунҳо, сангпуштҳо, тимсоҳҳо ва ғ. (зиёда аз 8000 намуд).

**РЕСЕ́ЙЛЕР**, [англ. resaler]. *тиҷ*. Ҷаллоб, ҳаннот.

**РЕСЕ́ПСИЯ (РЕЦЕ́ПЦИЯ)**, [< лот. receptio гирифтан, қабул кардан]. Аз тарафи ҷамъияти имрӯза пазируфтан ва мувофиқ кунондани шаклҳои иҷтимоӣ ва фарҳангие, ки дар давлати дигар ё дар давраи дигар пайдо шудаанд.

**РЕСЕ́ПТ (РЕЦЕ́ПТ)**, [< лот. receptum гирифташуда, қабул кардашуда]. **1**. *тиб*. Дорухат; тавсияи хаттии духтур дар бораи таркиб ва тарзи истифодаи дору; коғази духтур барои харидани дору. **2**. Дастури тайёр кардани чизе, мас., Р.-и палав. **3**. *маҷ*. Маслиҳат, дастур оид ба иҷрои ягон кор, амал.

**РЕСЕ́ПТОР (РЕЦЕ́ПТОР)**, [< лот. receptor гиранда, қабулкунанда]. *анат*. Нӯги тори асаби ҳассос, ки ангезишро аз муҳити берунӣ ё дарунӣ қабул карда, ба асабия (системаи асаб) мефиристад.

**РЕСЕ́ПШЕН, РЕСЕ́ПШН**, [< англ. reception қабул]. Ҷой (ҳуҷра, гӯша, миз, равзана)-и махсус барои қабул, ба қайд гирифтан, ба қайд гузоштани меҳмонон (бештар дар меҳмонхонаҳо, фурудгоҳҳо, офисҳо).

**РЕСЕ́ССИЯ (РЕЦЕ́ССИЯ)**, [< лот. recessio таназзул, ақибравӣ]. *иқт*. Таназзули истеҳсолот ё суст шудани суръати рушди он.

**РЕСЁЧЕР**, [англ. researcher]. Мутахассис ё ширкати махсусе, ки бо дархости мизоҷ тадқиқот мегузаронад (мас., бо мақсади омӯхтани бозори фурӯши маҳсулот, дараҷаи талабот ба ин ё он мол).

**РЕСИДИ́В (РЕЦИДИ́В)**, [< лот. recidivus бозгарданда, такроршаванда]. **1.** *тиб.* Аз нав авҷ гирифтани бемории баъди муддате нест шудани он. **2**. *ҳуқ*. Такроран содир гардидани ҷиноят аз тарафи шахсе, ки пештар барои ҳамин гуна ҷиноят маҳкум шуда буд.

**РЕСИДИВИ́СТ (РЕЦИДИВИ́СТ)**, [< *ретсидив*]. **1**. Шахси такроран ҷиноят содир кардае, ки барои ҳамин гуна ҷиноядаш пештар ҷазо гирифта буд. **2**. Ҷинояткори гузаро, ашаддӣ.

**РЕСИПИЕ́НТ (РЕЦИПИЕ́НТ)**, [< лот. recipiens қабулкунанда]. *тиб*. Шахсе, ки ба бадани он узв, бофта ё ҳуҷайраи шахси пайванд карда, ё хуни шахси дигар гузаронда мешавад.

**РЕСКРИ́ПТ**, [лот. rescriptum]. Маншур, ярлиқ; дар Рими Қадим – ҷавоби хаттии император оид ба ягон масъала, ки қувваи қонунро дошт.

**РЕСПИРА́ТОР**, [< *респиратсия*]. Асбоб барои аз чангу моддаҳои заҳрнок муҳофизат кардани узвҳои нафас. || Мкс. противогаз.

**РЕСПИРА́ТСИЯ (РЕСПИРА́ЦИЯ)**, [лот. respiratio]. Нафаскашӣ.

**РЕСПОНДЕ́НТ**, [англ. respondent < лот. respondere ҷавоб додан]. Дар сотсиология – посухдиҳанда; шахсе, ки дар вақти гузарондани мусоҳиба, пурсиш (анкетӣ ё шифоҳӣ) ба саволҳо ҷавоб медиҳад.

**РЕСПУ́БЛИКА**, [лот. res publica кори ҷамъиятӣ]. **1**. Ҷумҳурият, ҷумҳурӣ; шакли давлатдорие, ки дар он ҳамаи мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ ба муҳлати муайян интихоб карда мешаванд. **2**. Мамлакате, ки дорои чунин шакли идоракунӣ мебошад.

**РЕССО́РА**, [< фр. ressort чандирӣ]. *тех*. Ҷиҳози чандири таги мошин, вагон ва ғ. барои сабук кардани такон дар роҳҳои ноҳамвор.

**РЕСТИЛА́ЙН**, [шв. restilane]. *тиб*. *Имплантати* тиббии хамирамонанд, ки барои ислоҳи нуқсонҳои пӯст (чинҳо, ожангҳо), калон кардани лабҳо ва ғ. бо роҳи тазриқ ба зери пӯст равон мекунанд.

**РЕСТИТУ́ТСИЯ (РЕСТИТУ́ЦИЯ)**, [< лот. restutio барқароршавӣ]. **1**. *биол*. Барқароршавии қисмҳои зарардидаи организм. **2**. *ҳуқ*. Дар ҳуқуқи байналмилалӣ – аз тарафи як давлат ба давлати дигар баргардондани молу мулки дар вақти ҷанг ғасб кардашуда.

**РЕСТРИ́КСИЯ (РЕСТРИ́КЦИЯ)**, [< лот. restrictio маҳдуд кардан]. *иқт*. Маҳдуд намудани истеҳсол, фурӯш ва содироти мол бо мақсади баланд бардоштани нархи он ва ба даст овардани фоидаи калон.

**РЕСУ́РС**, [фр. ressources]. Захира, восита, манбаъ.

**РЕТЕ́НСИЯ (РЕТЕ́НЦИЯ)**, [< лот. retentio таъхир кардан]. *тиб*. Таъхири дандонбарорӣ; дер баромадани дандон.

**РЕТИ́НА**, [< лот. rete тӯр]. *анат*. Шабакия, тӯрпарда; пардаи тӯршакли чашм.

**РЕТИНИ́Т**, [< *ретина*]. *тиб*. Варами шабакия (*ретина*). || Мқс. конъюнктивит, офталмия.

**РЕТИРА́ДА**, [фр. retirade]. *ҳарб., кӯҳна*. **1**. Истеҳкоми иловагӣ барои мудофиа ҳангоми ақибнишинӣ. **2**. Ақибнишинӣ.

**РЕТО́РТА**, [лот. retorta]. Зарфи шишагӣ ё металлии нокшакл, ки дар даҳонаш найчаи каҷ дорад; дар озмоишгоҳҳои химиявӣ истифода мешавад. || Мқс. колба.

**РЕТРАНСЛЯ́ТОР**, [< *ретранслятсия*]. *тех*. **1**. Нуқта (марказ, истгоҳ)-и мобайнии хати алоқа барои ретранслятсия (ниг. *ретранслятсия*). **2**. Таҷҳизот ё ҷирми осмоние, ки ҳангоми интиқоли мавҷҳои элетромагнитӣ ба масофаи дур чун нуқта (марказ, истгоҳ)-и мобайнӣ истифода мешавад.

**РЕТРАНСЛЯ́ТСИЯ (РЕТРАНСЛЯ́ЦИЯ)**, [< *ре...* + *транслятсия*]. *тех*. Қабули сигналҳо дар нуқта (марказ, истгоҳ)-и мобайнии хати алоқа ва бақувват карда интиқол додани онҳо.

**РЕ́ТРО**, [лот. retro ба ақиб]. Ҳар чизи қадима, нишона аз замонҳои гузашта (дар асбобу анҷоми хона, либос, маданият, санъат ва ғ.).

**РЕТРОАКТИВӢ**, [< *ретро* + *актив*]. *ҳуқ*. Қонуни ретроактивӣ – қонуне, ки амали (эътибори) баръакс дорад, яъне қонунро нисбати ҳодисаҳое низ истифода бурдан мумкин аст, ки то қабули он рӯй додаанд.

**РЕТРОГРА́Д,** [< лот. retrogradus ақибраванда]. Одами кӯҳнапараст, дорои мафкураи ақибмонда, душмани пешрафт; иртиҷоӣ, иртиҷоъпараст.

**РЕТРОСПЕ́КСИЯ (РЕТРОСПЕ́КЦИЯ),** [< лот. retro ақиб + spectare нигаристан]. Ниг. *ретроспектива*.

**РЕТРОСПЕКТИ́ВА**, [< лот. retro ақиб + spectare нигаристан]. Руҷуъ ба гузашта; бознигарӣ, маънидоди ҳодисаҳои замони пеш.

**РЕТУШЁР**, [фр. retoucheur]. Мутахассиси *ретуш*; ретушгар.

**РЕ́ТУШ (РЕ́ТУШЬ)**, [фр. retouche]. Бо қалам ё ранг (*туш*) ислоҳ намудани нуқсонҳои сурат.

**РЕФА́КСИЯ (РЕФА́КЦИЯ)**, [фр. refaction]. *тиҷ*. Арзон кардани нархи мол бо сабаби пасттар будани сифати он назар ба сифати стандартӣ ё сифати дар шартнома нишондодашуда.

**РЕФЕРА́Т**, [< лот. referre хабар додан]. **1**. Маърӯза дар мавзуи муайян, ки шарҳу тавзеҳи манбаъҳои маълумотро дар бар мегирад. **2**. Баёни мухтасари мазмуни рисолаи илмӣ, китоб.

**РЕФЕРЕ́НДУМ**, [< лот. referendum он чи ки бояд хабар дода шавад]. Раъйпурсӣ; овоздиҳии умумихалқӣ барои ҳалли ягон масъалаи муҳими давлатӣ; *плебистсит* низ гӯянд.

**РЕФЕРЕ́НТ**, [< лот. referens хабардиҳанда]. **1**. Шахсе, ки *реферат* (маънои 1) мехонад. **2**. Мушовир.

**РЕФЕРЕ́НСИЯ (РЕФЕРЕ́НЦИЯ)**, [фр. referense < лот. referre хабар додан]. **1**. Маълумотнома, тавсифнома. **2**. Тавсиянома ё тавсифномае, ки шахс ё ташкилоти муътабар ва боваринок ба шахс ё ташкилоти дигар медиҳад. **2**. Фикри хаттии шахс ё ташкилот дар бораи қобили пардохти қарз будани шахс ё ташкилоти дигар.

**РЕ́ФЕРИ**, [англ. referee]. Довар дар баъзе намудҳои мусобиқаи варзишӣ, мас., дар бокс, теннис ва м. инҳо. || Мқс. арбитр, судя.

**РЕФЛЕ́КС**, [< лот. reflexus аксёфта, инъикосшуда]. **1**. *физиол*. Вокуниши ғайриихтиёрии организми зинда ба ангезаҳои берунӣ. **2**. Тобиши ранг, ки ҳангоми ба рӯи ашё афтидани партави рӯшноӣ аз объекти дигар пайдо мешавад.

**РЕФЛЕ́КСИЯ**, [< лот. reflexus аксёфта, инъикосшуда]. *психол*. Таҳлили олами ботинии худ; фикру андеша дар бораи ҳиссиёту аъмоли худ.

**РЕФЛЕКСОЛО́ГИЯ**, [< *рефлекс* + *...логия*]. Равияе дар илми психология, ки асосгузори он В.М.Бехтерев (1857 – 1927) мебошад; мувофиқи ин таълимот,

фаъолияти рӯҳӣ аз маҷмуи рефлексҳое иборат аст, ки дар натиҷаи ба системаи асаб таъсир расондани муҳити берунӣ ба вуҷуд меоянд.

**РЕФЛЕКСОТЕРАПИ́Я**, [< *рефлекс* + *терапия*]. *тиб*. Маҷмуи усулҳои табобат, ки ба ангезиши қитъаҳои аз ҷиҳати биологӣ фаъоли сатҳи бадан асос ёфтаанд; Р. *акупунктура, электропунктура*, масҳи нуқтавӣ ва ғ.-ро дар бар мегирад.

**РЕФЛЕКТИВӢ**, [< *рефлекс*]. Ғайриихтиёрӣ, беихтиёрона, бешуурона, худ ба худ.

**РЕФЛЕКТО́МЕТР,** [< лот. reflecto инъикос мекунам + *...метр*]. Асбоб барои чен кардани *коэффитсиенти* инъикоси рӯшноӣ.

**РЕФЛЕ́КТОР**, [< лот. reflectere инъикос кардан]. **1**. *Телескопи* дорои оинаи фурӯхамида. **2**. Акскунанда; асбоби дорои як ё якчанд оинаи фурӯхамида барои инъикос кардани нурҳои рӯшноӣ ё гармӣ. **3**. *тех*. Асбобе, ки дар назди мавҷгир (*антенна*) ҷойгир шуда, барои ба тарафи муайян равона кардани мавҷҳои радио хизмат мекунад.

**РЕФЛЕКТОРӢ**, [< *рефлекс*]. **1.** Мансуб ба *рефлекс*. **2**. Ниг. *рефлективӣ*.

**РЕФО́РМА,** [< лот. reformare дигаргун кардан]. Ислоҳот; дигаргунсозӣ, тағйирдиҳии ягон чиз, мас., иқтисод.

**РЕФОРМА́ТСИЯ (РЕФОРМА́ЦИЯ)**, [< *реформа*]. **1**. Ҳаракати ҷамъиятию динӣ дар Аврупои Ғарбӣ ва Марказии асри 16, ки хусусияти зиддифеодалӣ дошта, ба муқобили хариду фурӯши шаҳодатномаи афви гуноҳ (*индулгенсия*), ҳашаматпарастии калисо, умуман, бо *католитсизм* мубориза мебурд; ба *протестантизм* асос гузошт. **2**. Бозсозии динӣ дар рӯҳи *протестантизм*.

**РЕФРАКТО́МЕТР**, [< лот. refractus шикаста + *...метр*]. Асбоб барои чен кардани нишондиҳандаи шикасти рӯшноӣ.

**РЕФРА́КТОР**, [< лот. refractus шикаста]. *Телескопе*, ки дар он тасвири ситора дар натиҷаи шикастани (инкисори) нурҳои рӯшноӣ дар *объективи* иборат аз як ё якчанд *линза* пайдо мешавад. || Мқс. рефлектор.

**РЕФРА́КСИЯ (РЕФРА́КЦИЯ)**, [< лот. refractus шикаста]. **1**. *физ*. Каҷ шудани самти паҳншавии нурҳои рӯшноӣ, мавҷҳои овоз ва радио дар натиҷаи якҷинса набудани муҳит. **2**. *астр*. Шикастани нурҳо дар атмосфера, ки дар натиҷа ҷирмҳои осмонӣ аз ҷои ҳақиқии худ баландтар менамоянд.

**РЕФРЕ́Н**, [фр. refrain]. **1**. *адш*. Нақарот. **2**. *мсқ*. Гардон.

**РЕФРИЖЕРА́ТОР**, [< лот. refrigerare хунук кардан]. **1**. *тех*. Қисми яхдон ё таҷҳизоти хунуккунанда, ки барои буғ кардани моеъ ва ҳосил намудани хунукӣ хизмат мекунад. **2**. Киштӣ, автомобил, вагони дорои таҷҳизоти хунуккунанда (яхдонҳои калон) барои кашондани борҳои зуд вайроншаванда.

**РЕЭВАКУА́ТСИЯ (РЕЭВАКУА́ЦИЯ)**, [< *ре...* + *эвакуатсия*]. Ба ҷойҳои пештараашон баргардондани одамон ва корхонаю муассисаҳое, ки бо сабаби ҷанг, офатҳои табиӣ ва ғ. кӯчонда шуда буданд.

**РЕЭ́КСПОРТ**, [< *ре...* + *экспорт*]. *тиҷ.* Аз мамлакат содир намудани молҳои аз хориҷа воридшуда.

**РЕЭМИГРА́ТСИЯ (РЕЭМИГРА́ЦИЯ)**, [< *ре...* + *эмигратсия*]. Бозгашти (баргардондани) муҳоҷирон ба ватан.

**РЕ́Я**, [ҳол. ra]. Ниг. *рей.*

**РИБО́ЗА**, [лот. ribosa]. *хим., биол. Моносахариде*, ки дар ҳайати КРН (кислотаи *рибонуклеинӣ*) ба таркиби ҳамаи ҳуҷайраҳои зинда дохил мешавад.

**РИБОНУКЛЕИНӢ**, [< *рибоза* + *нуклеинӣ*]. *хим., биол.* Кислотаҳои рибонуклеинӣ (КРН) – намуди *кислотаҳои нуклеинӣ*, ки аз *нуклеотидҳо* иборат буда, қисми таркибии *ситоплазмаи* ҳуҷайраҳои ҳайвоноту наботот ба шумор меравconfigured.

**РИБОСО́МАҲО,** [< *рибоза* + лот. soma тана, бадан]. *биол.* Зарраҳои ҳуҷайравие, ки аз КРН ва сафедаҳо иборат буда, ба таркиби ҳамаи организмҳои зинда (бактерияҳо, наботот, ҳайвонот ва ғ.) дохил мешаванд.

**РИБОФЛАВИ́Н**, [< *рибоза* + лот. flavus зард]. *хим.* Витамини $B_2$; *пигменти* зарде, ки дар таркиби гӯшт, шир, сабзавот, зардии тухм ва ғ. мавҷуд аст; норасоии он дар организм боиси иллатҳои пӯст, босира, луобпардаҳо, инчунин бемориҳои *гастрит* ва *колити* музмин мегардад.

**РИ́ГЕЛ (РИ́ГЕЛЬ)**, [ол. Rigel ғалақа]. **1**. Болор. **2**. Ғалақаи дар.

**РИГОРИ́ЗМ**, [< лот. rigorecipiens қатъият]. Ифроти хулқ; қатъиян риоя кардани қоидаҳои ахлоқу одоб.

**РИ́ДБЕРГ**, [шв. rydberg – аз номи физики швед Й.Р.Ридберг (1854 - 1919)]. *физ.* Воҳиди ғайрисистемавии энергия дар физикаи атомӣ ва оптика.

**РИЕ́ЛТОР**, [< англ. realty амволи ғайриманқул]. *тиҷ.* Агент, миёнарави тиҷоратӣ, ки бо фурӯши амволи ғайриманқул (хона, замин, бӯстонсарой ва ғ.) машғул аст. || Мқс. брокер, дилер, маклер.

**РИЗО́ИДҲО**, [< юн. rhiza реша]. *бот.* Пӯпакрешаҳо.

**РИЗОСФЕ́РА**, [< юн. rhiza реша + sphaira кура]. *бот.* Қисми хоки замин, ки бевосита ба решаи растаниҳо расида меистад; дар Р. *микроорганизмҳои* зиёд вуҷуд доранд.

**РИКОШЕ́Т**, [фр. ricochet]. Ба чизе бархӯрда, самти парвозро дигар кардани тир, снаряд, санг, тӯб ва ғ.

**РИ́КША**, [< юн. rhiza реша]. Дар мамлакатҳои Осиёи Ҷануби Шарқӣ – шахсе, ки ба аробаи дучарха бор ё одам гирифта, ба ҷои асп худаш мекашад, инчунин худи ҳамин ароба; ҳоло ба ҷои Р. бештар педикебро истифода мебаранд (ниг. *педикеб*).

**РИНГ**[1], [< англ. ring давра]. *тиҷ.* Созишномаи кӯтоҳмуҳлати соҳибкорон дар бораи яклухт харидани ин ё он мол ва баъдтар бо нархи нисбан қимат фурӯхтани он.

**РИНГ²**, [< англ. ring давра]. Майдончаи бо арғамчин иҳоташудаи *бокс*.

**РИНИ́Т,** [< юн. rhis бинӣ]. *тиб.* Зуком; варами луобпардаи бинӣ. || Мқс. грипп.

**РИНК-ХОККЕ́Й**, [англ. rink hockey]. *варз. Хоккей* бо *конкиҳои* ғилдиракдор.

**РИ́НОВИ́РУСҲО**, [< юн. rhis бинӣ + *вирус*]. *тиб.* Вирусҳои КРН-доре, ки боиси бемориҳои илтиҳобии роҳҳои нафас мегарданд.

**РИНОЛО́ГИЯ**, [< юн. rhis бинӣ + *...логия*]. *тиб.* Фасли *оториноларингология*, ки бемориҳои бинӣ ва роҳҳои табобату пешгирии онҳоро меомӯзад.

**РИНОПЛА́СТИКА**, [< юн. rhis бинӣ + *пластика*]. *тиб.* Ҷарроҳии пластикӣ бо мақсади барқарор намудани бинӣ ё тағйир додани шакли он.

**РИНОСКОПИ́Я**, [< юн. rhis бинӣ + *...скопия*]. *тиб.* Муоинаи даруни бинӣ бо ёрии оиначаҳо ва асбоби нӯгборике, ки бо он деворҳои биниро васеъ мекунанд.

**РИ́СЛИНГ**, [ол. Riesling]. Навъи ангури сафеди сабзтоб, ки аз он майи сафед ва шампон тайёр мекунанд; ватанаш Олмон аст.

**РИ́ТОР**, [юн. rhetor]. **1**. *таър.* Дар Юнони Қадим ва Рими Қадим – муаллим ё талабаи мактаби суханварӣ. **2**. *мач.* Шахсе, ки нутқаш забо, вале каммазмун аст; сафсаттагӯй.

**РИТО́РИКА**, [юн. rhetorike]. **1**. Санъати суханварӣ; илми баён; илми балоғат. **2.** *мач.* Нутқи зебо, дабдабанок, вале каммазмун.

**РИ́ТСАР (РЫ́ЦАРЬ)**, [ол. Ritter].**1**. *таър.* Дар Аврупои феодалӣ – намояндаи табақаи ҳарбии дворянӣ, ки аз хурдӣ дар рӯҳи далерӣ, боадолатӣ, садоқат ба қарзи инсонӣ, ҷавонмардӣ, боилтифотӣ нисбати зан тарбия карда мешуд. **2**. *мач.* Шахси баҳодур, ҷавонмард, одил, олиҳиммат.

**РИТУРНЕ́Л (РИТУРНЕ́ЛЬ)**, [ит. ritornello]. *мус.* **1**. Такрори қисми оҳанг дар аввал ва охири ҳар як банд. **2**. Сарахбори наво; сарахбори рақс.

**РИФ¹**, [англ. reef < ҳол. rif]. Шахи зериобӣ; харсангҳои нӯгтези зери баҳр, ки барои киштиронӣ хавфноканд.

**РИФ²**, [англ. reef < ҳол. rif]. Таноби бодбони киштӣ.

**РКАСИТЕ́ЛИ (РКАЦИТЕ́ЛИ),** [гурҷ.]. Як навъ ангури маҳаллии гурҷӣ, ки аз он май тайёр мекунанд.

**РО́БОТ,** [чех. robot]. Мошини одамшакле, ки баъзе вазифаҳои одамро мустақилона иҷро мекунад (ин калимаро аввалин маротиба нависандаи машҳури чех К.Чапек с. 1923 дар яке аз асарҳояш истифода бурда буд).

**РО́ГГЕРҲО**, [шв. raggare]. Ҷавононе, ки бо либоспӯшӣ (курткаи сиёҳи чармин, айнаки сиёҳ, ороиши ғайриодии мӯйҳо) худписандӣ ва рафтори беибою густохонаашон мехоҳанд аз дигарон фарқ карда истанд; гурӯҳ-гурӯҳ шабона

мототсикл ронда, қоидаҳои ҳаракат дар роҳро вайрон мекунанд; баъзан Р.-ро рокерҳо меноманд, ки хатост.

**РОД**, [англ. rod]. Воҳиди дарозӣ дар Британия, ки ба 5,5 *ярд* ё ба 5, 029 м баробар аст.

**РОДЕ́О**, [англ. rodeo]. Мусобиқаи *ковбойҳо* дар ИМА, Канада ва баъзе мамлакатҳои дигар, ки аз пойга бо аспҳои безин, доштану савор шудан ба аспи ромнашуда, партофтани каманд (*лассо*), ҷанг бо буққа ва ғ. иборат аст.

**РО́ДИЙ**, [< юн. rodon гули садбарг]. Элементи химиявӣ, металли сафеди нуқратоб аз гурӯҳи VIII системаи даврӣ; аз оилаи *платинагиҳо*.

**РОЗЕ́ТКА**, [рус. < фр. rosette < rose гули садбарг]. **1**. Васлак; асбоб барои пайваст кардани таҷҳизоти барқӣ ба шабакаи барқ. **2**. Тақсимча, табақча. **3**. Бандинаи орден.

**РОК**, [англ. rock]. **1**. Равияе дар мусиқии муосири *ҷаз*, ки ба он суръату садои баланд, оҳангҳои шӯрангез ва матнҳои ғайриодӣ хос аст. **2**. Ниг. *рок-н-ролл*.

**РОКА́ДА,** [фр. rocade]. Роҳи бо хати *фронт* мутавозӣ.

**РО́КЕР**, [англ. rocker]. **1**. Иҷрокунандаи асарҳои рок-мусиқӣ. **2**. Мухлиси рок-мусиқӣ; баъзан *роггерҳо* – авбошони мототсиклсаворро рокер меноманд, ки хатост.

**РОК-МУСИҚӢ**, [англ. rock-music]. Мусиқӣ бо сабки *рок* (ниг. *рок*).

**РО́К-Н-РО́ЛЛ,** [англ. rock and roll алвонҷ хӯрдан ва гирд гаштан]. *санъ*. **1**. Рақси ҷуфт-ҷуфти шӯху босуръати амрикоӣ бо унсурҳои *акробатика* дар ҳавои *рок*. **2**. Жанри *рок-мусиқӣ*.

**РО́К-О́ПЕРА**, [< *рок* + *опера*]. Асари мусиқии драмавӣ, ки асоси онро *рок-мусиқӣ* ташкил медиҳад.

**РО́ЛКЕР**, [< англ. roll ғелонда бурдан]. Киштӣ (*теплоход*) барои кашондани ғӯлачӯб, *контейнер*, автомобил ва борҳои диг.

**РОЛ**[1], [ол. Rolle]. **1**. *тех*. Наворд, тир, меҳвар. **2**. Ниг. *рулон*.

**РОЛ (РОЛЬ)**[2], [фр. role]. **1**. Нақш; *образи* бадеие, ки актёр дар саҳна ё дар кино меофарад. **2**. Матни нақш. **3**. Вазифа. **4**. Аҳамият, мақом, дараҷаи иштирок дар ягон кор, фаъолият. **5**. Ниг. *рол* (маънои 2).

**РОЛЛЕРДРО́М,** [англ. rollerdrome]. Майдончаи варзишӣ барои давидан бо *конкиҳои* чархакдор ва *скейтбордҳо*.

**РОЛЛЕРКЕ́Й**, [англ. rollerkey]. *варз*. Намуди варзиш – *хоккей* бо конкиҳои чархакдор.

**РОМ,** [англ. rum]. Шароби бақуввати аз шираи найшакар тайёр кардашуда.

**РОМА́Н,** [фр. roman]. **1**. *адш.* Яке аз жанрҳои адабӣ; асари бадеии калонҳаҷми дорои сужети печ дар печ ва қаҳрамонҳои сершумор; одатан насрӣ, баъзан назмӣ мешавад (романи манзум). **2**. *маҷ.* Ишқбозӣ; ишқварзӣ; алоқаи ошиқона.

**РОМАНИ́СТИКА**, [фр. roman романӣ]. Филологияи романӣ; илм дар бораи забон, адабиёт, фолклор ва фарҳанги халқҳои романӣ.

**РОМА́НС**, [фр. romance < roman романӣ]. Асари хурди лирикии мусиқӣ, ки одатан бо гитор ё *фортепиано* иҷро карда мешавад.

**РОМАНТИ́ЗМ**, [фр. romantisme < roman романӣ]. **1.** Усули маъмули эҷоди бадеӣ, ки асоси онро тасвири ҳастӣ "на чунон ки ҳаст, балки чунон ки мебояд" (Ф.Шеллинг) ташкил медиҳад; пайравони Р. муътақиданд, ки ҳастӣ, чунон ки ҳаст, барои тасвири бадеӣ муносиб нест, онро ба муроди хеш аз нав бояд сохт; аз ин рӯ Р. ба сабку қонунҳои *классицсизм* муқобил баромада, фардият ва ҳиссиёти қаҳрамононро ба мадди аввал мегузошт. **2**. Усули тасвири воқеият дар шакли идеалишуда. **3**. *Субъективизм*; ҳолати рӯҳие, ки аз идеалсозии воқеият ва мушоҳидаҳои хаёлпарастона иборат аст.

**РОМА́НТИК**, [фр. romantique]. **1**. Пайрави *романтизм* (маънои 1). **2**. Хаёлпараст. || Мқс. идеалист.

**РОМА́НТИКА**, [фр. romantique]. Маҷмуи ҳиссиёти мусбат, хушгувор, шоирона, ки шахсро мафтуну рӯҳбаланд месозад, мас., шабгузаронии одами шаҳрӣ дар назди гулхан, дар зери осмони пурситора.

**РОМБ**, [юн. rombos]. *геом. Параллелограммаи* баробартараф; чоркунҷаи ҳамворе, ки тарафҳояш баробаранд. || Мқс. квадрат, трапетсия.

**РОМБО́ЭДР,** [< ромб + rhedra асос]. *геом. Параллелепипеде*, ки ҳамаи рӯяҳояш аз *ромбҳои* баробар иборатанд.

**РОМШТЕ́КС,** [англ. rump steak]. Порчаи гӯшти кӯфта, ки бо сухорӣ (*сухари*) бирён карда шудааст.

**РО́НДО**, [ит. rondo < фр. rond гирд, давра]. Пйесаи мусиқии шӯхе, ки мавзуи асосиаш чанд бор такрор мешавад.

**РОНДО́**, [< фр. rond гирд, давра]. Ҳарфҳои гирдаи бо қалами нӯгпаҳн навишташуда.

**РОП**, [< англ. rope таноб]. Воҳиди дарозӣ дар Британия, ки ба 6,096 м баробар аст. || Мқс. дюйм, род.

**РО́СТБИФ**, [англ. roast beef]. Пораи гӯшти бирёни гов (одатан аз гӯшти тахтапушт).

**РО́СТВЕРК**, [ол. Rostwerk]. *меъм.* Қисми поёнии таҳкурсӣ.

**РО́СТЕР**, [англ. roaster]. Асбоби рӯимизии барқӣ барои зуд бирён кардани гӯшт, ҳасиб, ҳасибча ва ғ.

**РОСТР**, [<  лот. roctrum минқор]. Дар Рими Қадим – нӯги тези ба сари ҳайвон монанди киштии ҳарбӣ, ки бо он киштии душманро мезаданд.

**РО́СТРА**, [< *ростр*]. *таър.* Дар Рими Қадим – минбари калон дар майдон (*форум*), ки бо нӯги ба сари ҳайвон монанди (*ростри*) киштиҳои забтшудаи душман оро дода мешуд.

**РО́ТА**, [пол. rota]. Қисми қӯшун, ки аз якчанд *взвод* иборат буда, ба ҳайати *баталйон* дохил мешавад. || Мқс. взвод, дивизион, полк.

**РОТА́МЕТР**, [< лот. rotare тоб додан, давр занондан + ...*метр*]. *тех*. Асбоб барои чен кардани суръати ҳаракат ё сарфи моеъ, газ.

**РОТАПРИ́НТ**, [англ. rotaprint]. Мошини чопии на чандон калон, ки барои бо теъдоди кам чоп кардани рисола, *бюллетен*, ҳуҷҷатҳои корӣ ва ғ. истифода мешавад; ҳоло ҷои Р.-ро *принтер* гирифтааст.

**РОТА́ТОР**, [< лот. rotare тоб додан]. **1**. Дастгоҳи нусхабардорӣ аз матнҳои дастнавис ё чопӣ, ҳуҷҷатҳо, нақшаҳо ва ғ. **2**. *анат*. Мушаки тобдиҳанда.

**РОТА́ТСИЯ (РОТА́ЦИЯ)**, [< лот. rotatio тоб хӯрдан]. **1**. *анат*. Тоб хӯрдан, давр задани ягон узв аз буғум. **2**. Ҳар сари чанд вақт нав кардани ҳайати ягон мақоми ваколатдор, муассиса, ташкилот; ҷойивазкунии кадрҳо.

**РО́ТМИСТР**, [пол. rotmistrz]. *таър*. Рутбаи афсарӣ дар қӯшуни саворaи Россияи подшоҳӣ, ки дар кӯшуни пиёдагард ба рутбаи *капитан* баробар аст.

**РО́ТОР**, [<  лот. rotare тоб додан]. *тех*. Қисми мошин, таҷҳизот, ки дар даруни қисми беҳаракати он (дар *статор*) чарх мезанад, мас., дар муҳаррики барқӣ, *турбина* ва ғ.

**РО́УМИНГ**, [англ. roaming]. Хизматрасонӣ ба муштарӣ берун аз минтақаи хизматрасонии шабакаи "хонагӣ" бо истифода аз имкониятҳои шабакаи дигар; Р. ба истифодабаранда имкон медиҳад, ки рақами худро ҳангоми будубош дар хориҷа нигоҳ дорад.

**РОЯЛИ́ЗМ**, [фр. royalisme]. Шоҳпарастӣ; садоқат ба ҳокимияти шоҳӣ.

**РО́ЯЛТИ**, [англ. royalty < royal шоҳ]. **1**. *тиҷ*. Музди истифода; фоизпулии *литсензионие*, ки барои истифодаи ихтироот, *патент, ноу-хау*, намоиши филмҳо ва ғ. ба муаллифони онҳо пардохт карда мешавад. **2**. *тиҷ*. Маблағи *рентавӣ* барои ҳуқуқи истихроҷи  маъдан, коркарди захираҳои табиӣ, ки соҳибкор ба соҳиби замин ё кон пардохт мекунад. **3**. Ҳаққи қалам (*гонорар*) барои асарҳои бадеӣ, мусиқӣ, рассомӣ ва ғ.; пештар аз хазинаи шоҳ дода мешуд ва номаш аз ҳамин ҷост.

**РОЯ́Л (РОЯЛЬ)**, [фр. royal]. Асбоби мусиқии забонакдор (*клавишдор*), навъи *фортепяно*, ки торҳояш уфуқӣ ҷойгир шудаанд. || Мқс. пианино.

**РУБЕРО́ИД**, [< лот. ruber сурх + eidos намуд]. Масолеҳи бомпӯшии обногузар аз коғази ғафси (*картони*) дар қир тар кардашуда. || Мқс. тол.

**РУБИ́ДИЙ**, [< лот. rubidus сурхи баланд]. Элементи химиявӣ, маталли сафеди нуқратоб аз гурӯҳи I системаи даврӣ (Rb).

**РУБИКО́Н**, [лот. Rubico – номи қадимаи дарёе дар Алп]. Гузаштан аз Рубикон – қадами қатъӣ гузоштан, ба қарори қатъӣ омадан.

**РУБИ́ЛНИК (РУБИ́ЛЬНИК)**, [< рус. рубить – буридан, қатъ кардан]. Олат барои васлу қатъ кардани ҷараёни барқ.

**РУБЛ (РУБЛЬ)**, [рус.]. Воҳиди пули Россия, ки ба 100 копейка баробар аст (пеш аз барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ – воҳиди пули СССР).

**РУ́БРИКА**, [< лот. ruber сурх]. Сарлавҳаи фасл дар рӯзнома, маҷалла, китоб ва ғ.; замонҳои пеш сарлавҳаи китоб бо ранги сурх навишта мешуд ва номаш аз ҳамин ҷост.

**РУД**, [англ. rood]. Воҳиди майдон дар Британия, ки ба 1011,7 $м^2$ баробар аст.

**РУДИМЕ́НТ,** [< лот. rudimentum ҷанин, зинаи ибтидо]. **1**. *биол.* Узви пурра инкишофнаёфта; узви боқимонда; узве, ки дар рафти *эволютсия* вазифаи асосиашро аз даст додааст. **2**. *маҷ.* Осори ҳодисаҳои гузашта; боқимондаи урфу одат.

**РУЛ (РУЛЬ)**, [ҳол. roer]. Суккон (дар киштӣ); чанбар; олате, ки ба воситаи он ронанда самти ҳаракати мошин, киштӣ, ҳавопаймо ва ғ.-ро идора мекунад.

**РУЛЕ́Т**, [фр. roulette]. **1**. Гӯшти қима ё тунук буридашуда, ки дар шакли лӯла ё ҳасиби ғафс печонда мепазанд. **2**. Нони ширини лӯлавор печондашуда, ки дар байни қабатҳояш мураббо, ҷем ва ғ. молида мепазанд.

**РУЛЕ́ТКА**, [< фр. rouler печондан]. **1**. Тасмаи дарози печондашавандаи андозагирӣ, ки аз пӯлод ё матоъ сохта шуда, ба метр, сантиметр ва миллиметрҳо тақсим мешавад. **2**. Ҷиҳози қиморбозӣ – давраи дорои чуқурчаҳои рақамдор, ки ҳангоми чархидани он саққо ғелида, ба яке аз чуқурчаҳо дохил мешавад.

**РУЛО́Н**, [< фр. rouler печондан]. Лӯла; ҳар чизи ба шакли лӯла печондашуда, мас., лӯлаи коғаз, матоъ ва ғ.

**РУ́МПЕЛ (РУ́МПЕЛЬ),** [ҳол. roerpen]. Фишанг барои тоб додани суккони киштӣ.

**РУ́ПИЯ**, [санск.]. Воҳиди пули Ҳиндустон, Покистон, Индонезия ва баъзе мамлакатҳои диг.

**РУ́ПОР**, [ҳол. roerpen]. Карнайи махсуси конусшакл барои баланд кардани овоз.

**РУТЕ́НИЙ**, [лот. Ruthenium]. Элементи химиявӣ аз гурӯҳи металлҳои платинавӣ; рамзаш Ru.

**РЭ́КЕТ**, [англ. racket]. Ғорат бо роҳи таҳдиду зӯрӣ.

**РЭКЕТИ́Р**, [англ. racketeer]. Ғоратгар, роҳзан; ҷиноякоре, ки бо *рэкет* (ниг. *рэкет*) машғул аст.

**РЭП**, [англ. rap]. *мус*. Жанри *поп-мусиқӣ*, ки дар он калимаҳои суруд дар ҳавои мусиқӣ бо суръати тез (мисли тезгӯяк) талаффуз карда мешаванд, инчунин рақсе, ки бо чунин мусиқӣ иҷро карда мешавад.

**РЮКЗА́К,** [ол. Rucksack]. Кӯлвор, борхалтае, ки ба пушт овехта мегарданд.

**РЮ́МКА**, [ол. Remer]. Қадаҳ; ҷомчаи шишагии поядор барои нӯшидани шароб.

# С

**САБАНТӮЙ (САБАНТУЙ),** [< тотор. сабан сипор, испор + тӯй ид, сур, ҷашн]. **1.** Иди баҳор, тамом шудани киштукори баҳорӣ дар байни тоторҳо ва бошқирдҳо. **2**. *гуфт*. Зиёфати калон бо шодию хурсандӣ ва ҳазлу шӯхӣ.

**САБОТА́Ж,** [фр. sabotage]. Корпартоӣ, коршиканӣ; ошкоро саркашӣ кардан аз иҷрои коре; зоҳиран кор кардан, вале дар асл онро ба ақиб кашидан, вайрон кардан.

**САВА́ННА**, [исп. sabana]. Дашти тропикии камдарахту камбутта дар Африқо ва Амрикои Ҷанубӣ.

**СА́ГА**, [исл.]. Достони эпикӣ дар Исландия ва Норвегия.

**САДИ́ЗМ**, [фр. sadism – аз номи нависандаи фаронсавӣ Маркиз де Сад]. **1**. *тиб*. Навъе аз фосиқии шаҳвонӣ – беморие, ки шахси гирифтори он ҳарифи ҷинсии худро бераҳмона азобу шиканҷа дода, шаҳвати худро бедор мекунад ва қонеъ мегардонад. **2**. *маҷ*. Ҳирси азобдиҳӣ, ҳаловат бурдан аз дарду азоби шахси дигар; рағбати сахт ба бераҳмию золимӣ.

**САДИ́СТ**, [< *садизм*]. Шахси гирифтори *садизм*; бераҳм, золим.

**СА́ЙДИНГ**, [англ. siding]. Масолеҳи пластикие, ки шаклан ба тахта монанд аст; барои рӯйкаш кардани девору шифт истифода мешавад.

**САЙТ**[1], [англ. site ҷой]. *инф*. Ҷой дар шабакаи Интернет, ки ба истифодабарандаи шабака (шахс ё муассиса) барои дар он ҷойгир намудани иттилооти гуногун ҷудо карда мешавад; *вебсайт* низ гӯянд.

**САЙТ**[2], [англ. site ҷой]. *тиҷ*. Маъракаи (*сессияи*) савдо, ки ҳангоми он алмосҳо ба ширкатҳои бонуфуз ва соҳибимтиёз яклухт фурӯхта мешаванд.

**САЙТХО́ЛДЕР,** [англ. sightholder]. Ширкати калоне, ки бо хариду фурӯши алмос машғул буда, иштирокчии доимии маъракаҳои савдо – *сайтҳо* аст.

**САКВОЯ́Ж,** [фр. sac de voyage < sac халта + voyage сафар, саёҳат]. Ҷузвдон (ҷомадонча)-и сафарӣ, одатан чармин. || Мқс. сумка.

**САКЕ́**, [яп.]. Як навъ арақи японӣ, ки аз биринҷ тайёр карда мешавад.

**САКСОФО́Н**, [фр. saxophone < Sax насаби устои асбобҳои мусиқӣ А. Сакс (Белгия) + юн. phone овоз]. Як навъ сурнайи мисин. || Мқс. кларнет.

**СА́КУРА**, [яп.]. Дарахти олучаи японӣ, ки гулҳояш дар баҳор – арғувонӣ, дар тобистон – сабз ё норанҷӣ, дар тирамоҳ – бунафш мешаванд; рамзи Япония аст.

**САЛАМА́НДРА**, [юн. salamandra]. **1**. Як навъ калтакалос аз оилаи обхокиҳои думдор, ки сари калони пачақ дорад. **2**. Самандар; ҷонвари афсонавие, ки гӯё дар оташ намсӯхтааст; рӯҳи оташ.

**САЛА́Т**, [ит. salato шӯр]. **1**. Коҳу; растании яксола аз оилаи мураккабгулҳо, ки баргҳояшро хомохом мехӯранд. **2**. Як навъ хӯриш ё шакароб, ки аз бодиринг, помидор, кабудӣ ва диг. сабзавоти резакардашуда иборат аст.

**СА́ЛДО (СА́ЛЬДО)**, [ит. saldo ҳисоб, бақия]. *мол*. **1**. Фарқи байни даромади пулӣ ва хароҷот дар давраи муайян. **2**. Фарқи байни маблағи *дебет* ва *кредит*. **3**. Фарқи байни арзиши содироту воридоти кишвар. **4**. Дар амалиёти биржавӣ – қарздории муштарӣ аз ширкати брокерӣ ва қарздории ширкати брокерӣ аз муштарӣ.

**САЛИВА́ТСИЯ (САЛИВА́ЦИЯ)**, [< лот. saliva оби даҳон]. *физиол.* Ҷудо шудани (сайлон, шоридан, рафтани) оби даҳон.

**САЛМОНЕ́ЛЛА (САЛЬМОНЕ́ЛЛА)**, [англ. salmonelle – аз номи биологи амрикоӣ Д. Салмон (1850 – 1914)]. Ҷинси бактерия аз оилаи чӯбчаҳои рӯда – барангезандаи *салмонеллёз*.

**САЛМОНЕЛЛЁЗ (САЛЬМОНЕЛЛЁЗ)**, [англ. salmonellose < salmonelle]. *тиб.* Бемории шадиди сироятноки рӯда, ки барангезандааш бактерияи *салмонелла* мебошад.

**САЛО́Н**, [фр. salon]. **1**. Намоишгоҳ; толор ё ҳуҷраи калон барои намоиш додани ҳар гуна молу маснуот, мӯдҳои нав ва ғ. **2**. Фурӯшгоҳи асарҳои санъат. **3**. *Ателйе*, ороишгоҳи мӯй, кошонаи ҳусн. **4**. Меҳмонхонаи даруни бино барои пазироии меҳмонон. **5**. Маҳфили адабӣ ё сиёсии шахсони баргузида, ки ҳар сари чанд вақт дар хонаи ягон кас ҷамъ мешаванд. **6**. Даруни ҳавопаймо, киштӣ, автомобил, автобус ва ғ. **7**. Намоиши байналмилалии техника ва технологияи нав.

**САЛПИНГИ́Т (САЛЬПИНГИ́Т)**, [< юн. salpinx найча]. *тиб.* Варами найчаҳои бачадон.

**СА́ЛТО (СА́ЛЬТО)**, [< ит. salto ҷаҳиш]. *варз.* Дар *акробатика* ва *гимнастика* муаллақзании озод (бе такя ба чизе) ба пеш ё ба ақиб.

**СА́ЛТО-МОРТА́ЛЕ (СА́ЛЬТО-МОРТА́ЛЕ)**, [< ит. salto mortale ҷаҳиши марговар, хатарнок]. Муродифи *салто* (бештар дар сирк).

**САЛФЕ́ТКА**, [ит. salvietta]. **1**. Сачоқча; рӯймолчаи латтагӣ ё коғазӣ барои тоза кардани лаб дар вақти таомхӯрӣ. **2**. Дастурхони на чандон калон.

**САЛЮ́Т**, [фр. salut]. **1**. Салом, дуруд (бештар дар мамлакатҳои испанизабон ва франсавизабон). **2**. Табрики ботантана бо роҳи мушакпарронӣ, тир холӣ кардан якбора аз якчанд тӯп, милтиқ ва ғ.

**САЛЯ́МИ**, [ит. salame < лот sal равған]. Як навъ ҳасиби дудхӯрда, ки ба он адвияи лаззатфизо ва пораҳои хурд-хурди равған илова мекунанд.

**СА́МБО[1]**, [исп. zambo]. Насле, ки аз заношӯии ҳиндуён бо зангиён ба дунё омадааст.

**СА́МБО[2]**, [< рус. кӯтоҳшудаи самооборона без оружия]. Як намуди гӯштини варзишӣ – воситаи худдифоӣ бе аслиҳа.

**СА́ММИТ**, [< англ. summit қулла, боло]. Вохӯрӣ ва гуфтушуниди роҳбарони давлатҳо, ҳукуматҳо.

**САМОВО́Р**, [рус. самовар < сам худ + вар ҷӯшон]. Асбоби металлие, ки дар оташхонаи он ҳезум ё ангишт сӯхта, об меҷӯшонанд; ҳоло С.-ҳои барқӣ бештар маъмул шудаанд.

**САМОЛЁТ**, [< рус. сам худ + летать паридан]. Ҳавопаймо.

**САМОСВА́Л**, [< рус. сам худ + свалить партофтан]. Мошини худрез; автомобиле, ки борашро худаш холӣ мекунад.

**САМУРА́Й**, [< яп. самурау хизмат кардан]. Намояндаи табақаи имтиёзноки ҳарбӣ дар Японияи феодалӣ.

**САНАТО́РИЙ, САНАТО́РИЯ**, [лот. sanatorium < sanare муолиҷа кардан]. Осоишгоҳ; муассисаи табобатӣ барои муолиҷа (асосан бо гил, оби маъданӣ, иқлим), пешгирии бемориҳо ва истироҳат.

**САНА́ТСИЯ (САНА́ЦИЯ)**, [< лот. sanatio муолиҷа]. **1**. *тиб*. Муоина ва муолиҷаи саривақтии бемориҳои ковокии даҳон. **2**. *мол*. Маҷмуи тадбирҳо барои пешгирӣ намудани муфлисшавии корхона, бонк ва ғ.

**СА́НГА (ЦА́НГА),** [ол. Zange]. *тех*. Исканҷа; ҷиҳози дастгоҳи оҳанбурӣ барои дошта истодани масолеҳи тарошидашаванда ё буридашаванда.

**САНГВИ́НИК**, [< лот. sanguis хун]. Одами гарммизоҷ, зиндадил.

**САНГИ́НА**, [< лот. sanguis хун]. Қалами мулоими ҷигариранг ва сурате, ки бо ҳамин қалам кашида бошанд.

**САНДАЛЕ́ТА, САНДА́ЛИЯ**, [юн. sandalion]. Кафши сабуки тобистонаи бепошна, болокушода, тасмачадор.

**СА́НДВИЧ**, [англ. sandwich]. **1**. Ду пораи нон, ки дар байнашон маска, панир, гӯшт, ҳасиб ё ягон хӯриши дигар гузошта шудааст; сэндвич низ гӯянд. || Мқс. бутерброд, гамбургер, чизбургер. **2**. *маҷ*. Шахсе, ки дар сари сина ва дар пушташ ҳамзамон ду плакати рекламавиро овезон карда мегардад; рекламаи зинда.

**САНИТА́Р, САНИТА́РКА**, [< лот. sanitas саломатӣ]. **1**. Парастор; ходими хурди тиб дар беморхона, ки беморону маҷрӯҳонро нигоҳубин мекунад, ҳуҷраҳоро мерӯбад, ба тозагӣ назорат менамояд. **2**. Аскари қатории қисми тиббӣ.

**САНИТАРИ́Я**, [< лот. sanitas саломатӣ]. Маҷмуи таддирҳои амалӣ барои тозаву озода нигоҳ доштани атроф, ҳифзи саломатии мардум, иҷрои талаботи *гигиена*, пешгирии бемориҳо.

**САНСКРИ́Т**, [санск. самскрта мукаммал, сунъӣ]. Забони адабии Ҳиндустони давраи қадим ва асрҳои миёна (дар баъзе минтақаҳои Ҳиндустон ҳоло ҳам зинда аст).

**САНСКРИТОЛО́ГИЯ**, [< санскрит + *...логия*]. Санскритшиносӣ; илме, ки забони санскрит ва асарҳои ба ҳамин забон навишташударо меомӯзад.

**САНТИ́М**, [фр. sentime < лот. sentum сад]. Пули майдаи Фаронса, Белгия, Швейтсария ва баъзе мамлакатҳои диг., ки ба 1/100 *франк* баробар аст.

**САНТИМЕ́ТР**, [< лот. sentum сад + *...метр*]. Воҳиди дарозӣ, ки ба садяки метр баробар аст.

**САПРО...**, [< юн. sapros пӯсида]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки пӯсиш, вайроншавии ҳайвоноту набототи мурдаро ифода мекунад, мас., *сапрофагҳо*.

**САПРОБИО́НТҲО,** [< *сапро...* + *бионт*]. *биол.* Организмҳои обие, ки дар обҳои ифлос ва пур аз пасмондаҳои пӯсидаи ҳайвоноту набатот зиндагӣ мекунанд. || Мқс. катаробионтҳо.

**САПРО́БҲО**, [< *сапро…* + юн. bios ҳаёт]. *биол.* Ниг. *сапробионтҳо*.

**САПРОПЕ́Л (САПРОПЕ́ЛЬ)**, [< *сапро…* + юн. pelos лойқа]. *геол.* Лойқаи зери кӯлу халиҷҳо, ки асосан аз моддаҳои органикӣ ва пасмондаи организмҳои зинда иборат аст.

**САПРФА́ГҲО**, [< *сапро…* + *фаг*]. *зоол.* Мурдахӯрҳо, лошахӯрҳо; ҳайвоноте, ки мурдаи ҳайвоноти дигарро мехӯранд.

**САПРОФИ́ТҲО**, [< *сапро…* + *фит*]. *зоол.* Организмҳое, ки пасмондаҳои набототу ҳайвонотро хӯрда, моддаҳои органикиро ба моддаҳои ғайриорганикӣ табдил медиҳанд, мас., занбӯруғҳо, бактерияҳо ва ғ.

**САПФИ́Р**, [юн. sappheiros]. Ёқути кабуд.

**САРАБА́НДА**, [исп. zarabanda]. Рақси базмии мардуми Испания, ки бо ҷӯшу хурӯш ва ҳаяҷони баланд иҷро карда мешавад, инчунин мусиқии ҳамин рақс.

**САРДЕ́ЛКА (САРДЕ́ЛЬКА)**, [рус. < ит. sardella]. Як навъ ҳасибча, ки аз ҳасибчаҳои муқаррарӣ кӯтоҳтару ғафстар аст. || Мқс. сосиска.

**САРДИ́НА**, [ит. sardina]. Моҳии хурди баҳрӣ аз оилаи *селдҳо*, ки асосан барои *консерв* кардан истифода мешавад.

**САРДО́НИКС**, [юн. sardonyx]. Ақиқ, яшм.

**СА́РИ**, [ҳинд. sari]. Сорӣ; пироҳани занони Ҳиндустон; аз пораи дарози (5 – 7 м.) матоъ иборат аст, ки як нӯгашро ба китф партофта, қисми дигарашро ба бадан мепечонанд.

**САРКО́МА**, [< юн. sarcoma гӯшти зиёдатӣ]. *тиб.* Як навъ омоси бадзот; реши равон.

**СА́РОС**, [юн. saros]. *астр.* Баъди ҳар 18 солу 10 ё 11 шаборӯз гирифтани Офтоб ва Моҳ.

**САТЕЛЛИ́Т**, [< лот. satelles]. **1**. *астр.* Радифи сайёра. **2**. Дар бораи шахс – думрав, пайрав, бо гапи шахси дигар коркунанда. **3**. Давлате, ки расман мустақил буда, дар асл тобеи давлати дигар аст. **4**. *таър.* Дар Рими Қадим – сарбози кирояе, ки дар ҳама ҷо хоҷаи худро мушоят мекунад.

**САТИ́Н**, [< хит. – аз номи шаҳри Сзяодун, ки ватани ин матоъ ҳисоб меёбад]. Матои ғафси пахтагӣ ё абрешимие, ки рӯяш мусайқал ва муҷаллост.

**САТИ́РА**, [лот. satira]. Ҳаҷв; асари санъат ё адабиёт, ки нуқсонҳои шахс ё ҷомеаро фош ва масхара мекунад.

**САТИРИА́З**, [лот. satyriasis]. *тиб*. Ифроти шаҳват; баландшаҳватӣ; майли доимӣ ба ҷимоъ (дар мардҳо).

**САТУ́РА**, [лот. satura]. *таър., санъ*. Аввалин жанри театри Рими Қадим, ки аз муколама, *пантомима*, мусиқӣ ва рақс иборат буд.

**САТУРА́ТСИЯ (САТУРА́ЦИЯ)**, [< лот. saturatio сер кардан]. **1**. Бо гази ангидриди карбон газнок кардани моеот. **2**. Дар қаннодӣ – коркарди химиявии шираи қанд бо гази ангидриди карбон.

**САТУ́РН**, [лот. Saturnus]. **1**. Дар асотири римиёни қадим – олиҳаи киштзорҳо ва ҳомии зироаткорӣ. **2**. *астр*. Зуҳал; сайёраи шашуми системаи офтобӣ, ки аз ҷиҳати ҳаҷм танҳо аз Муштарӣ (Юпитер) хурд аст; дар гирдаш 7 ҳалқа дорад, ки асосан аз чангу ғубор, рег ва яхпораҳо иборатанд.

**САТУРНА́ЛИЯ**, [лот. saturnalia]. **1.** Ҷашни тамом шудани корҳои саҳроӣ ба шарафи худои зироат ва ҳосил Сатурн (дар моҳи декабр барпо шуда, як ҳафта давом мекард). **2**. *маҷ*. Базми пур аз шодию тараб ва айшу нӯш.

**САТУРНИ́ЗМ**, [< лот. Saturnus номи сурб дар кимиёгарӣ]. *тиб*. Заҳролудшавӣ бо сурб.

**СА́УНА**, [фин. sauna]. Ҳаммоми гарми хушк.

**СА́УНД-ДИЗА́ЙН**, [англ. sound design]. Ороиши мусиқии филмҳо, спектаклҳои радиоӣ, бозиҳои компютерӣ ва ғ.

**СА́УНДТРЕК**, [англ. soundtrack]. Ниг. *фонограмма*.

**САХАРА́ЗА**, [< юн. sakcharon қанди найшакар]. *хим*. Шакараза; ферменте, ки *сахарозаро* ба ду қанди одӣ – *глюкоза* ва *фруктоза* ҷудо мекунад.

**САХАРИ́ДҲО**, [< юн. sakcharon қанди найшакар + eidos намуд]. *хим*. Шакаридҳо; Номи умумии ҳамаи карбгидратҳо (ниг. *карбогидратҳо*).

**САХАРИ́МЕТР**, [< юн. sakcharon қанди найшакар + ...*метр*]. Қандсанҷак; асбоб барои муайян кардани миқдори қанд дар маҳлул.

**САХАРО́ЗА**, [< юн. sakcharon қанд]. *хим*. Шакароза; карбогидрат аз гурӯҳи *дисахаридҳо*; қанде, ки аз найшакар ва лаблабуи қанд ҳосил мешавад; ба сифати ғизо, инчунин дар саноати хӯрокворӣ ва микробиологӣ истифода мебаранд.

**САШИ́МИ**, [яп.]. Як навъ таоми японӣ, ки аз моҳии хом ва қайла иборат аст.

**СВИНГ**[1], [англ. swing]. Дар бокс – қулоч кашида зарбаи паҳлӯӣ задан. || Мқс. апперкот, хук.

**СВИНГ**[2], [англ. swing]. *мус*. Як намуди *ҷаз*.

**СВИ́НГЕР,** [англ. swinger]. Палто, плаш ё камзӯле, ки қисми болояш танг ва қисми поёнаш васеъ буда, шаклан ба ҳарфи «А» монандӣ дорад.

**СВЕТОФО́Р**, [< рус. свет рӯшноӣ + юн. pһoros баранда]. Чароғак; чароғаки роҳнамо; фонуси ду ё серанга, ки дар кӯчаҳо барои таъмини ҳаракати бехатари одамон ва нақлиёт насб карда мешавад.

**СВИ́ТЕР**, [англ. sweater < to sweat арақ кардан]. *Ҷемпери* пешмаҳками гиребонбаланд.

**СВОП**, [англ. swap]. *мол.* Мубодилаи пули миллӣ бо пули хориҷӣ бо шарти аз нав бадал кардани он баъди муҳлати муайян.

**СЕГМЕ́НТ**, [< лот. segmentum порча]. **1**. *геом.* Қисми доира, ки бо камон ва *хордаи* он ҷудо карда шудааст. **2**. *мат.* Маҷмуи ҳамаи ададҳо (ё нуқтаҳо)-и ҳақиқӣ, ки дар байни ду адади (нуқтаи) додашуда ҷойгир шудаанд. **3**. *зоол.* Банд (буғум)-и танаи баъзе ҳашарот, мас. кирми лойхӯрак, чилпо ва ғ. **4**. *анат.* Қисми ягон узви одам ё ҳайвон. **5**. Қисми ягон соҳа ё фаъолият, мас., С.-и бозор.

**СЕГМЕНТА́ТСИЯ (СЕГМЕНТА́ЦИЯ)**, [< лот. segmentum порча]. **1**. *зоол.* Ба қисмҳо (бандҳо, буғумҳо ва ғ.) ҷудо кардани тана ё узви баъзе ҳайвонот. **2**. Умуман тақсим кардан, ҷудо кардан.

**СЕГРЕГА́ТСИЯ (СЕГРЕГА́ЦИЯ)**, [< лот. segregatio ҷудо кардан]. Яке аз шаклҳои табъизи одамон – ҷудо кардани одамон аз рӯи мансубияти нажодӣ, мазҳабӣ ё этникӣ, мас., манъ кардани таҳсили якҷояи кӯдакони сафедпӯст бо кӯдакони сиёҳпӯст. || Мқс. апартеид.

**СЕДАТИВӢ**, [< лот. sedatio оромшавӣ]. *тиб.* Д о р у ҳ о и с е д а т и в ӣ – доруҳои оромкунандаи асабияи марказӣ.

**СЕ́ЗАР (ЦЕ́ЗАРЬ),** [лот. Caesar]. Қайсар; унвони императорони Рим ва Византияи Қадим.

**СЕ́ЗИЙ (ЦЕ́ЗИЙ)**, [< лот. caecius кабуд ]. Элементи химиявӣ, металли сафеди хеле мулоим (Cs).

**СЕЙЛ,** [англ. sale]. Фурӯши молҳо бо нархи арзон дар охири мавсимҳои тақвимӣ.

**СЕЙСМО...,** [< юн. seismos заминҷунбӣ]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки бо заминҷунбӣ робита доштанро ифода мекунад, мас., *сейсмология.*

**СЕЙСМО́ГРАФ,** [< *сейсмо...* + *...граф*]. Асбоб барои сабти лаппиши қишри замин дар вақти заминҷунбӣ ё таркиши сунъӣ.

**СЕЙСМОЛО́ГИЯ**, [< *сейсмо...* + *...логия*]. Зилзилашиносӣ; илм дар бораи заминҷунбӣ ва лаппишҳои қишри замин.

**СЕЙТНО́Т (ЦЕЙТНО́Т)**, [ол. Zeitnot]. Дар бозии шоҳмот ва шашка – кам мондан ё тамом шудани вақт барои фикр кардани гашти навбатӣ.

**СЕЙФ**, [англ. safe бехавф]. Сандуқ ё ҷевони металлии насӯзанда барои нигоҳ доштани пул, ашёи гаронбаҳо, ҳуҷҷатҳо ва ғ.

**СЕ́ЙФИНГ,** [англ. safing]. Яке аз хизматҳое, ки бонкҳо ба муштариён мерасонанд – ба муҳлати номаҳдуд ба иҷора додани сейфҳо барои нигоҳ доштани ҳар гуна ашё (техникаи электронӣ, ҳуҷҷат, зару зевар ва ғ.).

**СЕ́КАНС,** [< лот. secans бурранда]. *мат*. Яке аз функсияҳои тригонометрии кунҷ.

**СЕКВЕ́СТР**, [< лот. sequestrum нигоҳдорӣ]. **1**. *ҳуқ*. Истифодаи моликиятеро ба манфиати давлат манъ ё маҳдуд кардани ҳокимияти давлатӣ, мас., С.-и буҷет. **2**. *тиб*. Пӯсида ҷудо шудани як қисми бофта, узв. **3**. *мол*. Маҳдуд ё кам кардани қисми хароҷоти буҷети давлатӣ ё моддаҳои ин буҷет.

**СЕ́КОНД-ХЕ́НД**, [англ. second hand дасти дуюм < second дуюм + hand даст]. Молу ашёи пештар истифодашуда, мас., либос, пойафзол ва ғ.

**СЕКРЕ́Т**, [< лот. secretus ҷудошуда]. *физиол*. Усора; моддае, ки аз ғадудҳои бадан ҳосил шуда берун меояд, мас., шираи меъда, оби даҳон, ашк.

**СЕКРЕ́ТСИЯ (СЕКРЕ́ЦИЯ)**, [< лот. secretus ҷудошуда]. *физиол*. Тарашшуҳ; раванди ташаккул ёфтан ва аз ғадудҳои бадан ҷудо шуда берун омадани моддаҳои фаъоли махсус (*секретҳо*).

**СЕКС**, [англ. sex < лот. sexus ҷинс]. **1**. Ҳамаи он чизе, ки бо ҳаёти ҷинсӣ алоқа дорад. **2**. Ҷимоъ; алоқаи ҷинсӣ; муҷомаат.

**СЕКСАГОНАЛӢ́,** [< англ. sex шаш + юн. gonia кунҷ]. *геом*. Шашкунҷа.

**СЕКСИ́ЗМ,** [англ. sexism < лот. sexus ҷинс]. **1**. Табъиз аз рӯи мансубияти ҷинсӣ, бештар нисбати занон (мас., ҳангоми ба кор қабул кардан, маош додан ва ғ.). **2**. Муносибати беилтифотона, нописандона, беэҳтиромона нисбати зан.

**СЕ́КСИЯ (СЕ́КЦИЯ)**[1], [< лот. sectio буридан , ҷудо кардан]. **1**. Бахш, шуъбаи муассиса, ташкилот. || Мқс. сектор (маънои 3). **2**. Қисме аз ягон чизи яклухт, мас., мошин, иншоот, фурӯшгоҳ ва ғ. **3**. Гурӯҳи вакилони конференсия, анҷуман ва ғ., ки барои муҳокимаи ягон масъала ташкил карда шудааст.

**СЕ́КСИЯ (СЕ́КЦИЯ)**[2], [< лот. sectio буридан , ҷудо кардан]. *тиб*. Ташреҳи майит; чок кардани ҷасад.

**СЕКСОЛО́ГИЯ**, [< *секс* + *...логия*]. *тиб*. Илме, ки муносибатҳои ҷинсӣ, биологияи ҷинс, гигиена ва психологияи алоқаи ҷинсӣ, издивоҷ ва оила, инчунин тарбияи ҷинсиро меомӯзад.

**СЕКСОПАТОЛО́ГИЯ**, [< *секс* + *патология*]. *тиб*. Илми бемориҳои ҷимоӣ; як соҳаи илми тиб, ки бо омӯзиш, пешгирӣ ва табобати нуқсонҳои фаъолияти ҷинсӣ машғул аст.

**СЕ́КСТА**, [< лот. sexta шаш]. *мус*. **1**. Фосилаи иборат аз 6 дараҷаи қаторовоз. **2**. Дараҷаи шашуми *гаммаи диатоникӣ*.

**СЕКСТА́Н(Т)**, [< лот. sextant шашяк]. Асбоби зовиясанҷи астрономӣ барои чен кардани баландии ҷирмҳои осмонӣ ҳангоми муайян намудани мавқеи киштӣ ё ҳавопаймо.

**СЕКСТЕ́Т**, [ит. settetto < лот. sex шаш]. **1**. Асари мусиқӣ барои шаш нафар артист (навозанда ё сароянда). **2**. Ансамбли иборат аз шаш нафар навозанда ё сароянда.

**СЕКСТИЛЛИО́Н, СЕКСТИЛЙО́Н (СЕКСТИЛЬО́Н)**, [фр. sextillion]. Ададе, ки бо рақамҳои 1 ва 21 сифр (дар баъзе мамлакатҳо бо 36 сифр) ифода карда мешавад. || Мқс. биллион, триллион.

**СЕКСТИ́НА**, [< лот. sexta шаш]. *адш*. Мусаддасе, ҳамагӣ ду мисрааш ҳамқофияанд.

**СЕ́КС-ШО́П**, [англ. sex shop < лот. sex ҷимоъ + англ. shop фурӯшгоҳ]. Фурӯшгоҳи молҳое, ки хусусияти шаҳвонӣ доранд, аз қабили филмҳои *порнографӣ*, ашёи ҳангоми алоқаи ҷинсӣ истифодашаванда ва ғ.

**СЕ́КТА**, [< лот. secta мактаб, таълимот]. Мазҳаб, тариқат, силк; гурӯҳ ё ҷараёни диние, ки бо ягон эътиқоди худ аз дини ҳукмрон фарқ мекунад, мас., С.-и *баптистҳо* дар дини насронӣ.

**СЕКТА́НТ**, [< *секта*]. Узви *секта*.

**СЕ́КТОР,** [< лот. sector бурранда]. **1**. *геом*. Қисми доира, ки бо радиус ва камон ҷудо карда шудааст. **2**. Қисм, қитъа, ҳисса. **3**. Шуъба, бахши муассиса, ташкилот. **4**. Соҳа, мас. С.-и иқтисод.

**СЕКУЛЯРИЗА́ТСИЯ (СЕКУЛЯРИЗА́ЦИЯ)**, [< лот. saecularis дунявӣ]. **1**. Аз ихтиёри калисо гирифта, ба ихтиёри идораҳои гражданӣ, дунявӣ додани молу мулк. **2**. *маҷ*. Дунявӣ шудан; аз таъсири дин озод шудан.

**СЕКУНДА́НТ**, [< лот. secundans ёвар]. **1**. Миёнарав ва шоҳиди ҳар кадоме аз рақибон дар *дуэл*. **2**. Ёвари варзишгар, мас., дар шоҳмот.

**СЕКЮ́РИТИ (СЕКЬЮ́РИТИ)**, [англ. security]. **1**. Мақомоти амният дар баъзе мамлакатҳо. **2**. Корманди ҳамин мақомот ва, умуман, муҳофиз, посбон, танпаноҳ.

**СЕЛЁДКА**, [< рус.]. Моҳии шӯр (намакин, дар намак хобондашуда).

**СЕЛЕ́КТОР**, [< лот. selector ҷудокунанда, саракунанда]. Ҷиҳози электромеханикӣ барои алоқаи телефонӣ.

**СЕЛЕ́КСИЯ (СЕЛЕ́КЦИЯ)**, [< лот. selectio ҷудо (сара, интихоб) кардан]. **1**. Бо роҳи интихоби сунъӣ, дурагакунонӣ, ҷуфтикунонӣ беҳтар намудани навъи растаниҳо ё зоти ҳайвонот, инчунин ба вуҷуд овардани навъу зотҳои нав. **2**. *тех*. Аз рӯи ягон аломат ҷудо кардани *сигнал* аз байни сигналҳои бисёр.

**СЕЛЕ́Н**, [< юн. selene Моҳ]. Элементи химиявии гурӯҳи VI системаи даврӣ, моддаи кристаллии хокистаранг, ки қобилияти электргузарониаш бо таъсири рӯшноӣ тағйир меёбад.

**СЕЛЕ́НА**, [юн. Selene]. Дар асотири юнониёни қадим – олиҳаи Моҳтоб.

**СЕЛЕНОГРА́ФИЯ**, [< юн. selene Моҳ + *...графия*]. *астр.* Фасли астрономия, ки бо тасвири сатҳи Моҳ машғул аст.

**СЕЛЕНОДЕ́ЗИЯ**, [< юн. selene Моҳ + daio тақсим мекунам]. *астр.* Фасли астрономия, ки шаклу андозаи Моҳро меомӯзад.

**СЕЛЕНОЛО́ГИЯ**, [< юн. selene Моҳ + *...логия*]. *астр.* Моҳшиносӣ; фасли астрономия, ки сохт ва таркиби химиявию маъдании Моҳро меомӯзад.

**СЕЛИБА́Т (ЦЕЛИБА́Т),** [< лот. caelibatus]. Безанӣ, бéникоҳӣ; муҷаррадии ҳатмии рӯҳониёни католикӣ ва роҳибони православӣ.

**СЕЛИ́ТРА**, [< лот. sal намак + nitrum сода]. *хим. Нитрати аммоний, натрий, калий, калсий* ва *барий*, ки чун нурии минералӣ, инчунин дар истеҳсоли моддаҳои тарканда истифода мешавад.

**СЕЛЛОФА́Н (ЦЕЛЛОФА́Н)**, [англ. cellophane]. Масолеҳи тунук (*плёнка*) аз *селлюлоза*, ки барои бастапечонӣ, тайёр кардани халтаҳо ва маснуоти диг. истифода мешавад.

**СЕЛЛУЛО́ИД (ЦУЛЛУЛО́ИД)**, [< лот. cellula ҳуҷайра + eidos намуд]. Пластмассаи шаффоф аз *селлюлоза*.

**СЕЛЛЮЛО́ЗА (ЦЕЛЛЮЛО́ЗА)**, [< лот. cellula ҳуҷайра]. **1**. *Карбогидрат* аз гурӯҳи *полисахаридҳо* – қисми таркибии пардаи ҳуҷайраҳои растанӣ. **2**. Моддае, ки аз дарахт ва баъзе растаниҳои диг. бо усули химиявӣ гирифта мешавад; барои тайёр кардани коғаз, нахи сунъӣ, *селлофан* ва ғ. ба кор меравад. || Мқс. крахмал.

**СЕМА́НТИКА**, [< юн. semantikos ифодакунанда]. *збш.* **1**. Ҷанбаи маъноии калима, ибора, ҷумла. **2**. Фасли забоншиносӣ, ки ҷанбаҳои маъноии воҳидҳои забонро меомӯзад.

**СЕМАСИОЛО́ГИЯ**, [< юн. semasia ифода кардан +*...логия*]. Фасли забоншиносӣ, ки маънои калимаю ибораҳо ва тағйирёбии онҳоро меомӯзад.

**СЕМАФО́Р**, [< юн. sema аломат + phoros ҳомил]. **1**. Чароғаки роҳнамо ё самтнамо (ниг. *светофор*). **2**. Усули сигналдиҳии аёнӣ (бо даст, байрақчаҳо, фонусҳо ва ғ.).

**СЕМЕ́НТ (ЦЕМЕ́НТ),** [< лот. caementum сангреза]. Масолеҳи бинокорӣ – моддаи минералии хока, ки дар вақти бо об омехтани он хамираи часпаки зуд шахшаванда ба вуҷуд меояд.

**СЕМЕ́СТР**, [< лот. semestris шашмоҳа]. Нисфи соли таҳсил дар мактабҳои олӣ ва миёнаи махсус.

**СЕМИНА́Р**, [< лот. seminarium ниҳолхона]. **1**. Машғулияти амалии гурӯҳӣ дар мактабҳои олӣ. **2**. Маҷлис барои муҳокимаи ягон масъала, омӯхтани ягон мавзуъ, такмили ихтисос.

**СЕМИНАРИ́СТ**, [< *семинария*]. Талабаи *семинария*.

**СЕМИНА́РИЯ**, [< лот. seminarium ниҳолхона]. Мактаби миёнаи динӣ.

**СЕМИО́ТИКА**, [юн. semiotike]. Илм дар бораи аломатҳо ва системаи аломатҳо (мас., аломатҳои роҳ, аломатҳои забонӣ, мантиқӣ, математикӣ, компютерӣ ва ғ.). || Мқс. сигнифика.

**СЕМИ́ТҲО**, [< юн. Sem Сим (Шем) – номи яке аз писарони Нӯҳ]. Гурӯҳи халқҳои забонашон ба якдигар наздике, ки дар Осиёи Ҷануби Ғарбӣ ва Африқои Шимолӣ зиндагӣ мекарданд, аз қабили вавилониҳо, ошуриён, айсорҳо ва ғ.; аз халқҳои имрӯза арабҳо ва яҳудиён ба ин гурӯҳ дохил мешаванд.

**СЕМПЛ, СЭМПЛ**, [англ. sample]. Намунаи ин ё он маҳсулот, ки дар ҷойҳои серодам бо мақсади реклама ройгон тақсим карда мешавад.

**СЕНА́Т**, [лот. senatus < senex пир]. **1**. *таър*. Шӯрои олии давлатӣ дар Рими Қадим. **2**. *таър*. Идораи олии ҳукуматӣ дар Россияи тоинқилобӣ, ки вазифаи суди олиро иҷро мекард, инчунин ба фаъолияти дастгоҳи ҳукумат ва иҷрои қонунҳо назорат менамуд. **3**. Палатаи болоии парламент дар баъзе мамлакатҳо, мас., дар ИМА.

**СЕНА́ТОР**, [< *сенат*]. Узви *сенат*.

**СЕНЁР (СЕНЬО́Р)**[1], [лот. senior]. Дар Аврупои Ғарбии асрҳои миёна – заминдори калон. || Мқс. феодал.

**СЕНЁР (СЕНЬО́Р)**[2], [исп. senor]. Ҷаноб (нисбати мард дар Испания). || Мқс. мистер.

**СЕНЁРА (СЕНЬО́РА)**, [исп. senora]. Хонум, бону (нисбати зани шавҳардор дар Испания). || Мқс. миссис.

**СЕНЁРИ́ТА (СЕНЬОРИ́ТА)**, [исп. senorita]. Хонум, бону (нисбати духтар дар Испания).

**СЕНЗ (ЦЕНЗ),** [< лот. census баҳомонӣ]. **1**. Дар Рими Қадим – баҳомонии даврӣ (сари чанд вақт) ба молу мулки шаҳрвандон бо мақсади муқаррар намудани ҳаҷми андозҳо. **2**. Дар Аврупои асрҳои миёна – андозе, ки деҳқонони мутеъ ба заминдор ба ивази истифодаи замини ӯ медоданд. **3**. Шартҳое, ки ин ё он ҳуқуқи шахсро маҳдуд мекунанд, мас., ҳуқуқи овоздиҳӣ дар интихобот, ҳуқуқи иштирок дар озмун ва ғ.-ро.

**СЕ́НЗОР (ЦЕ́НЗОР),** [лот. censor]. **1**. Дар Рими Қадим – шахси мансабдоре, ки ба *сенз* (ниг. *сенз* ба маънои 1) мутасаддӣ мебошад. **2**. Шахси мансабдоре, ки бо *сензура* (ниг *сензура*) машғул аст.

**СЕНЗУ́РА (ЦЕНЗУ́РА),** [лот. censura]. **1**. Назорати давлат ба матбуот ва диг. воситаҳои ахбори омма, инчунин идорае, ки чунин назоратро амалӣ менамояд. **2**. Аз тарафи ҳамин идора дида баромадани асарҳои илмию адабӣ, мақолаҳои рӯзномаю маҷаллаҳо, барномаҳои радио ва телевизион, кинофилмҳо ва ғ.

**СЕНСА́ТСИЯ (СЕНСА́ЦИЯ)**, [< лот. sensus ҳиссиёт]. Ҳангома.

**СЕНСИБЕЛӢ**, [< лот. sensus ҳиссиёт]. *фалс., психол.* Бо ёрии узвҳои ҳис даркшаванда.

**СЕНСИМОНИ́ЗМ**, [фр. saint-simonisme]. Таълимоти сотсиалист-утописти фаронсавӣ Сен-Симон (1760 – 1825) ва пайравони ӯ.

**СЕНСОРӢ**, [< лот. sensus ҳиссиёт]. **1**. *тех*. Ҳассос; а с б о б, о л а т и с е н с о р ӣ – асбоб, олате, ки бо ҳис кардани таъсири ангезаи беруна (мас. бо ангушт расондан) кор мекунад. **2**. *физиол.* Бо дарк ва интиқоли ҳиссиёт, эҳсос вобастабуда, мас., торҳои С.-ии асаб.

**СЕНСУАЛИ́ЗМ,** [< лот. sensus ҳиссиёт]. Ҷараёни фалсафие, ки ҳиссиётро ягона манбаи маърифат медонад; баръакси *ратсионализм.* || Мқс. эмпиризм.

**СЕНТ (ЦЕНТ)[1],** [англ. cent < лот. centum сад]. Пули майдаи ИМА, Канада ва як қатор мамлакатҳои диг., ки ба садяки *доллар* баробар аст.

**СЕНТ (ЦЕНТ)[2],** [англ. cent < лот. centum сад]. *физ*. Воҳиди фосилаи басомадҳо, ки ба 1/1200 *октава* баробар аст.

**СЕНТА́ВО**, [исп. centavo]. Пули майдаи Аргентина, Мексика, Колумбия, Куба, ки ба 1/100 *песо* баробар аст.

**СЕНТЕ́СИМО**, [исп. centesimo]. Пули майдаи Панама, Чили ва Уругвай, ки ба 1/100 *песо* баробар аст.

**СЕНТИМЕНТАЛИ́ЗМ**, [фр. sentimentalisme]. **1**. Ҳассосияти баланд, риққат. **2**. Ҷараёни адабие дар Аврупои асрҳои 18 - 19, ки, бар хилофи *ратсионализми* маорифпарвар, бештар ба ҳаёти ботинии одамони одӣ (деҳқонон, ҳунармандон ва м. инҳо) таваҷҷӯҳ мекард.

**СЕНТИМЕНТАЛӢ**, [фр. sentimental ҳассос]. **1**. Дар бораи асари адабиёт ва санъат: риққатовар, дилобкунанда. **2**. Дар бораи одам: нозукдил, ҳассос.

**СЕНТИ́МО,** [исп. sentimo]. Пули майдаи Венесуэла, Коста-Рика, Парагвай.

**СЕ́НТНЕР (ЦЕ́НТНЕР),** [< лот. centum сад]. Воҳиди вазн, ки ба 100 кг (дар Олмон, Венгрия ва Дания – ба 50 кг) баробар аст. || Мқс. тонна.

**СЕНТО́Н (ЦЕНТО́Н),** [< лот. cento кӯрпаи қуроқ]. *адш.* Навъи тазмин; шеъре, ки аз шеърҳои якчанд шоир таркиб ёфтааст.

**СЕНТРИФУ́ГА (ЦЕНТРИФУ́ГА),** [< лот. centrum марказ + fuga гурехтан]. *тех.* Олате, ки бо ёрии қувваи марказгурез моеъҳоро ба қисмҳои таркибӣ ҷудо мекунад.

**СЕНТУРИО́Н (ЦЕНТУРИО́Н),** [< лот. centum сад]. Сардори *сентурия* (маънои 1).

**СЕНТУ́РИЯ (ЦЕНТУ́РИЯ),** [< лот. centum сад]. *таър*. **1**. Дар Рими Қадим – дастаи ҳарбие, ки аз сад сарбоз иборат буд. **2**. Дар Рими Қадим – гурӯҳи шаҳрвандоне, ки *сензи* молумулкии якхела доштанд (ниг. *сенз* (маънои 1).

**СЕНТЯ́БР (СЕНТЯ́БРЬ),** [лот. September < septem ҳафт]. Моҳи 9-уми соли тақвимӣ, ки 30 рӯз аст; дар тақвими Рими Қадим моҳи 7-ум ба шумор мерафт ва номаш аз ҳамин ҷост.

**СЕПАРАТИ́ЗМ**, [< лот. separatus ҷудо, алоҳида]. Кӯшиши ҷудошавӣ аз давлат, ҳизби сиёсӣ, ҷараён ва ғ.; истиқлолиятхоҳӣ, ҷудоихоҳӣ.

**СЕПАРАТӢ**, [< лот. separatus ҷудо, алоҳида]. С у л ҳ и  с е п а р а т ӣ – сулҳ бо яке аз давлатҳои ҷангкунанда дар ҳоли давом ёфтани ҷанг бо иттифоқчиёни он. || Мқс. автаркия.

**СЕПАРА́ТОР,** [< лот. separare ҷудо кардан]. Мошини қаймоқгир; дӯғкашак; ба маънои васеаш – дастгоҳ барои аз якдигар ҷудо кардани моддаҳои гуногун.

**СЕ́ПСИС**, [< юн. sepsis пӯсидан]. *тиб*. Уфунати хун – бемории шадиди сироятӣ, ки барангезандагони он микробҳои фосидкунанда (мас., *стафилококкҳо, стрептококкҳо*) мебошанд.

**СЕПТЕ́Т**, [ит. septetto < лот. septem ҳафт]. **1**. Асари мусиқӣ барои ҳафт нафар артист (навозанда ё сароянда). **2**. Ансамбли иборат аз ҳафт нафар навозанда ё сароянда. || Мқс. квартет, секстет, трио.

**СЕПТИСЕМИ́Я (СЕПТИЦЕМИ́Я)**, [< юн. septikos фасоднок + haima хун]. *тиб*. Яке аз шаклҳои уфунати хун (*сепсис*), ки ҳангоми он микробҳо дар хуни бемор афзоиш ёфта, онро заҳролуд мекунанд.

**СЕРВА́НТ**, [фр. servante < лот. servare эҳтиёт кардан, нигоҳ доштан]. Ҷевони рафҳояш шишагӣ барои зарфиёт ва чизу чораи диг. || Мқс. буфет.

**СЕРВЕЛА́Т**, [ол. Servelat]. Як навъ ҳасиби дудхӯрда, ки аз гӯшт ва равғани хук, баъзан гов тайёр мекунанд.

**СЕРА́ТОПС (ЦЕРА́ТОПС),** [< юн. keratos шох + optasia намуд]. *пал*. Динозаври шохдор.

**СЕ́РВЕР**, [англ. server < to serve хизмат расондан]. *инф*. **1**. Барномае, ки дастрасиро ба манбаъҳои иттилоот таъмин ва идора мекунад. **2**. Компютери хотирааш қавӣ ё гурӯҳи компютерҳо; ба компютерҳои дигари ба шабакаи маҳаллӣ ё ба шабакаи ҷаҳонӣ (мас., Интернет) пайвастшуда имконият медиҳад, ки аз манбаъҳои иттилооти он истифода баранд; *хост* низ гӯянд.

**СЕРВИ́З**, [фр. service]. Маҷмуи зарфҳои чойнӯшӣ ё таомхӯрии нақшу рангҳояшон якхела барои миқдори муайяни одамон (мас., барои 6 ё 12 нафар).

**СЕРВИРО́ВКА**, [< *сервиз*]. Дар рӯи миз (дастурхон) ҷобаҷо гузоштани зарфу асбобҳои таомхӯрӣ ва худи таом.

**СЕ́РВИС**, [< лот. servire хизмат кардан]. Хизматрасонӣ ба одамон (мас., дар фурӯшгоҳ, меҳмонхона, ҳавопаймо ва ғ.).

**СЕРВИСИ́Т (ЦЕРВИЦИ́Т),** [< лот. cervix гардан]. *тиб*. Варами гардани бачадон

**СЕРВИТУ́Т**, [< лот. servitus ӯҳдадорӣ]. *ҳуқ*. **1**. Дар ягон кор маҳдуд кардани ҳуқуқи соҳибмулк, мас., тиреза кушодан ба рӯи ҳавлии ҳамсоя. **2**. Маҳдуд намудани соҳибихтиёрии ҳудудии як давлат ба нафъи давлати (ё давлатҳои) дигар.

**СЕРЕБРАЛӢ (ЦЕРЕБРАЛӢ),** [< лот. cerebrum мағзи сар]. **1**. *анат*. Мансуб ба мағзи сар; майнагӣ, мағзисарӣ. **2**. *збш*. Ҳамсадоҳои комӣ.

**СЕРЕМОНИЙМЕ́ЙСТЕР (ЦЕРЕМОНИЙМЕ́ЙСТЕР),** [ол. Zeremonienmeister]. Удайчӣ; шахсе, ки ба тартибу иҷрои ин ё он маросим, мас., ташрифот, қабул, зиёфат, назорат ва роҳбарӣ мекунад.

**СЕРЕ́РА (ЦЕРЕ́РА),** [лот. Ceres]. *астр*. Номи яке аз сайёраҳои хурд, ки соли 1801 кашф шудааст.

**СЕРЖА́НТ**, [фр. sergent]. Рутба, унвон дар қувваҳои мусаллаҳ, милитсия ва политсияи бисёр давлатҳо. || Мқс. ефрейтор, старшина.

**СЕРИА́Л**, [англ. serial]. Силсилафилм; филме, ки аз чандин қисм (*серия*) иборат аст.

**СЕ́РИЙ (ЦЕ́РИЙ),** [аз номи сайёраи Серера]. Элементи химиявӣ, металли нарми хокистарранг аз оилаи *лантаноидҳо* (Ce); дар техникаи ядроӣ, истеҳсоли шиша, чинивор ва ғ. истифода мешавад.

**СЕ́РИЯ**, [лот. series қатор]. **1**. Силсила; гурӯҳ ё қатори чизҳои якхела, мазмун ва аломатҳояшон ба якдигар наздик ва вобаста, мас., С.-и китобҳо барои кӯдакон, С.-и дастгоҳҳои таҷрибӣ. **2**. Қатор, категорияи коғазҳои қиматнок ва ҳуҷҷатҳо (мас., С.-и пул, лотерея, шиноснома ва ғ.). **3**. Як қисми силсилафилм (*сериал*).

**СЕРОДИАГНО́СТИКА**, [лот. serum зардоб + *диагностика*]. *тиб*. Муайян кардани гурӯҳи хун ва ташхиси бемориҳои сирояткунанда бо ёрии зардоби хун.

**СЕРОЛО́ГИЯ**, [лот. serum зардоб + *...логия*]. *тиб*. Зардобшиносӣ; фасли масуниятшиносӣ, ки зардоби хун ва усулҳои истифодаи онро меомӯзад.

**СЕРОТЕРАПИ́Я,** [лот. serum зардоб + *терапия*]. *тиб*. Зардобдармонӣ; табобати бемориҳои сироятӣ бо зардобҳо.

**СЕРПАНТИ́Н,** [фр. serpantin < лот. serpentis мор]. **1**. Тасмаи коғазини рангаи борику дароз, ки дар вақти базм (*бал, маскарад*) ба болои раққосон мепартоянд. || Мқс. конфетти. **2**. *маҷ*. Роҳи морпечи кӯҳӣ.

**СЕРПЕНТА́РИЙ**, [< лот. serpentis мор]. *зоол*. Морхона; парваришгоҳи морон барои гирифтани заҳри онҳо.

**СЕРПЕНТИ́Н**, [< лот. serpentis мор]. *маъд.* Минерал аз зерсинфи силикатҳои обии магний; рангаш сабзи доғдор, пӯсти морро ба хотир меорад ва номаш аз ҳамин ҷост.

**СЕРТИФИКА́Т**, [фр. certificat < лот. certum дуруст + facere кардан]. **1**. Ба маънои васеаш – тасдиқнома, гувоҳнома, шаҳодатнома. **2**. *тиҷ.* Ҳуҷҷате, ки ҳуқуқи моликӣ ба ягон коғази қиматнокро тасдиқ мекунад. **3.** *тиҷ.* Ҳуҷҷате, ки аз нозироти давлатӣ ё ягон муассисаи ваколатдори диг. бо мақсади тасдиқ намудани пайдоиш, вазн, сифат ё дигар хусусиятҳои мол гирифта мешавад. **4**. *мол.* Коғази қиматноке, ки бо ягон мақсади муайян ба ҷои пули коғазӣ бароварда мешавад. || Мқс. ваучер, вексел.

**СЕ́РУМ**, [лот. serum]. *тиб.* Зардоби хун; хуноба.

**СЕ́ССИЯ,** [< лот. sessio нишаст, ҷаласа]. **1**. Иҷлосия; ҷаласа, маҷлиси дар вақтҳои муайян барпошавандаи ин ё он муассиса, мас., С.-и *парламент.* **2**. Давраи имтиҳонсупорӣ дар мактаби олӣ, омӯзишгоҳ ва ғ.

**СЕТ**, [англ. set]. *варз.* Як даври теннисбозӣ. || Мқс. партия, раунд, тайм.

**СЕ́ТТЕР,** [англ. setter]. Саги шикории дарозпашм.

**СЕТСЕ́ССИЯ (СЕЦЕ́ССИЯ),** [< лот. secessio ҷудо шудан, рафтан]. Аз давлат ҷудо шудани як қисми он. || Мқс. сепаратизм.

**СЕХ (ЦЕХ),** [ол. Zeche]. Шуъбаи корхонаи истеҳсолӣ (завод, фабрика ва ғ.), ки бо қисме аз фаъолияти корхона машғул мебошад.

**СЕ́ЯЛКА**, [< рус. сеять коштан]. *кшв.* Тухмипошак.

**СЁРФ**, [англ. surf мавҷҳои назди соҳил]. *варз.* **1**. Тахтаи махсус барои *серфинг.* **2**. Ниг. *серфинг.*

**СЁРФЕР**, [< англ. surf мавҷҳои назди соҳил]. Серфингбоз; варзишгаре, ки бо *серфинг* машғул аст.

**СЁРФИНГ**, [англ. surfing < surf мавҷҳои назди соҳил]. Навъи варзиши обӣ – дар рӯи тахтаи махсус (*сёрф*) рост истода, лағжидан рӯ-рӯи мавҷҳо.

**СИ**, [лот. si]. Аломати ҳафтуми алифбои (*нотаи*) мусиқӣ.

**СИА́ЛОАДЕНИ́Т**, [< юн. sialon оби даҳон + aden ғадуд]. *тиб.* Газаки ғадудҳои оби даҳон.

**СИА́Н (ЦИА́Н)**, [< юн. kyanos лоҷвард]. Гази заҳрноки беранг, ки аз карбон ва азот таркиб ёфтааст.

**СИБИЛЯ́НТ**, [< лот. sibilans ҳуштаккашанда]. *збш.* Ҳамсадои пешизабонӣ.

**СИВИ́ЛЛА, СИБИ́ЛЛА,** [юн. sybilla]. Фолбинзан дар Юнон ва Рими Қадим. || Мқс. кассандра.

**СИГА́РА**, [исп. sigarro]. Сигор; баргҳои тамокуи сахт печондашуда барои дуд кашидан.

**СИГАРЕ́ТА**, [< *сигара*]. Сигор; найчаи коғазии бо тамоку пур кардашуда; аз *папироса* бо он фарқ мекунад, ки найчаи дарунхолӣ (*мундштук*) надорад.

**СИГНА́Л**, [< лот. signum аломат, ишора]. **1**. Аломати шартӣ барои ба масофаи дур расондани хабар, маълумот, фармон ва ғ. **2**. *маҷ*. Огоҳ кардан; огоҳсозӣ; аз чизе хабардор кардан.

**СИГНАТУ́РА**, [< лот. signare нишон додан]. **1**. Қисми дорухати духтур, ки дар он тарзи истифодаи дору нишон дода шудааст. **2**. Нусхаи дорухати духтур, ки дар дорухона ҳамроҳи дору ба харидор дода мешавад.

**СИЗИФӢ**, [аз номи шоҳи афсонавӣ Сизиф]. Меҳнати сизифӣ – меҳнати беохиру бенатиҷа (мувофиқи ривоят, шоҳ Сизиф дар назди худоён гуноҳе содир намуда, ба чунин ҷазо маҳкум шудааст: сангеро ба қуллаи кӯҳ ғелонда мебарорад, вале ҳамин ки санг ба қуллаи кӯҳ расид, он боз ба поён ғелида мефуроянд; Сизиф маҷбур аст, ки ин корро аз сар такрор кунад).

**СИККАТИ́В,** [< лот. siccativus хушккунанда]. *хим*. Моддае, ки хушкшавии ранг, равған, локро метезонад.

**СИКЛО́Н (ЦИКЛО́Н),** [< юн. kyklon даврзананда]. **1**. Ҳаракати гирдбодмонанди ҳаво, ки дар натиҷаи он абр пайдо шуда, барф ё борон меборад. **2**. Тӯфон, бӯрон. **3**. Ҳавософкунак; олат барои аз чангу ғубор тоза кардани ҳаво бо ёрии қувваи марказгурез.

**СИКХИ́ЗМ**, [< ҳинд.]. Сикҳия; яке аз мазҳабҳои дини ҳиндуия, ки дар асри 16 дар вилояти Панҷоб пайдо шуда, тадриҷан ба дини мустақил табдил ёфт; асоси С.-ро яккахудоӣ, инкор кардани бутпарастӣ ва ба табақаҳо ҷудо кардани одамон, тарғиби баробарии ҳамаи сикҳҳо дар назди Худо, мубориза бо пайравони адёни бегона ташкил медиҳад.

**СИЛИКА́ТҲО**, [< лот. silex санги чақмоқ]. Синфи муҳимтарин минералҳои ҷинсофар, ки бештар аз 80 фоизи массаи қишри заминро ташкил медиҳанд; аз намакҳои кислотаи санги чақмоқ (*кремний*), баъзан алюминий, бор, ниобий ва ғ. иборатанд; дар металлургия, истеҳсоли шиша, масолеҳи оташбардор ва ғ. истифода мешаванд.

**СИЛИКО́З**, [< лот. silex санги чақмоқ]. *тиб*. Бемории касбии роҳҳои нафас, ки дар натиҷаи муддати дароз нафас кашидан аз чанги *кремний* пайдо мешавад.

**СИЛИКО́Н**, [< лот. silex санги чақмоқ]. *Полимери кремнийорганикӣ*, ки ба гармӣ тобовар буда, ҷараёни электрро суст мегузаронад.

**СИЛИ́НДР (ЦИЛИ́НДР),** [юн. kylindros < kylindo меғелонам]. **1**. *геом*. Устувона; ҷисме, ки ду сари он аз ду доираи ба ҳам мувозӣ иборат буда, онҳоро ду ҳамвории мувозӣ ба ҳам мепайванданд. **2**. Қисми мошин, ки ҳамин гуна шакл дошта, дар

даруни он *поршен* ҳаракат мекунад. **3**. Як навъ кулоҳи баланди лапарборики мардона. || Мқс. шляпа.

**СИЛИСИ́ДҲО (СИЛИЦИ́ДҲО)**, [< лот. silex санги чақмок]. *хим*. Пайвастҳои химиявии кремний бо элементҳои химиявии диг.; дар соҳаҳои гуногуни техника ба сифати масолеҳи гармибардор истифода мешаванд.

**СИЛЛАБӢ**, [< юн. syllable ҳиҷо]. *адш*. Ҳиҷоӣ; ш е ъ р и С . – шеъре, ки бо риояи миқдори ҳиҷоҳо навишта шудааст.

**СИЛЛОГИ́ЗМ,** [юн. syllogismos]. Қиёси мантиқӣ; дар асоси ду фикр баровардани фикри сеюм (хулоса, ҳукм), мас., ҳамаи чоркунҷаҳо чор тараф доранд, квадрат чоркунҷа аст, пас квадрат чор тараф дорад.

**СИЛЛОГИ́СТИКА**, [< юн. syllogistikos хулосабарор]. **1**. Таълимот оид ба *силлогизмҳо*. **2**. *маҷ*. Муҳокимарониҳои беасос, пуч.

**СИ́ЛОС**, [исп. silos]. Хӯроки чорво, ки аз алафи сабз, ҷуворимакка, баргу пояи сабзавот ва растаниҳои диг. бо роҳи реза кардан ва ба хандақҳо андохта туршондан тайёр карда мешавад.

**СИЛУМИ́Н**, [< лот. silex санги ҷақмоқ + *алюминий*]. *хим*. Номи умумии хӯлаҳои сабуки кремнийдор, ки асосашонро алюминий ташкил медиҳад.

**СИЛУ́Р**, [лот. silur]. *геол*. Давраи сеюми *палеозой*, ки тақрибан 25 – 30 млн сол давом кардааст. || Мқс. девон, карбон.

**СИМБИО́З**, [< юн. symbiosis ҳамзистӣ]. *биол*. Ҳамзистии ду организми гуногуннамуд, ки ба якдигар фоида меоранд, мас., С.-и себ ва биҳӣ, мӯрча ва ширинча.

**СИМБИО́НТ**, [< юн. symbion ҳамзист]. *биол*. Яке аз иштирокчиёни *симбиоз*.

**СИ́МВОЛ**, [< юн. symbolon аломат]. **1**. Рамз, аломати шартӣ, мас., кабӯтар – С.-и (рамзи) сулҳ. **2**. Аломатии шартии ягон бузургӣ, ки дар ягон соҳаи илм қабул шудааст, мас., С.-ҳои математикӣ, химиявӣ. **3.** *инф*. Дар компютер – ҳарф, рақам, аломати шартӣ чун ҳомили иттилоот.

**СИМВОЛИ́ЗМ**, [< *символ* + пасв. -*изм*]. Равияе дар адабиёт ва санъати охири асри 19 – аввали асри 20, ки *символ* (рамз, аломат)-ро воситаи асосии тасвири бадеии воқеият медонист.

**СИМВО́ЛИКА**, [< *символ*]. **1**. Бо аломатҳои шартӣ ифода намудани ғояҳо, мафҳумҳо, ҳиссиёт. **2**. Маҷмуи рамзҳо, аломатҳои шартӣ (*символҳо*).

**СИ́МЕНС**, [аз номи олими олмонӣ Э.В. Сименс (Siemens), 1816-1892]. *физ*. Воҳиди ноқилияти электрӣ дар Системаи байналмилалии воҳидҳо (СИ).

**СИМ-КОРТ (СИМ-КА́РТА)**, [англ. SIM-card]. Дар алоқаи мобилӣ – чипи (ниг. *чип*) начандон калони ба телефон насбшаванда, ки барои ташхиси муштарӣ (*абонент*) хизмат мекунад.

**СИММЕ́ТРИ́Я**, [юн. symmetria]. Ҳамандозагӣ, баробарӣ, таносуб, мутаносибии ду чизе (қисме), ки дар ду тарафи қисми марказ, мобайн воқеъ шудаанд.

**СИМПО́ЗИУМ**, [< юн. symposion зиёфати бошукӯҳ]. **1.** Дар Юнон ва Рими Қадим – зиёфати бошукӯҳи шабона бо суруду мусиқӣ ва шеърхонӣ. **2.** Маҷлиси машваратӣ (одатан байналмилалӣ) доир ба ягон масъалаи илмӣ. || Мқс. конгресс, конференсия.

**СИМПТО́М**, [юн. symptoma]. **1**. Аломат, падида, зуҳурот. **2**. *тиб*. Аломати (нишонаи) беморӣ.

**СИМПТОМА́ТИКА**, [< *симптом*]. *тиб*. Маҷмуи аломатҳои (*симптомҳои*) ягон беморӣ.

**СИМПТОМАТӢ**, [< *симптом*]. *тиб*. М у о л и ҷ а и  с и м п т о м а т ӣ – муолиҷае, ки мақсадаш нест кардани аломатҳои (*сиптомҳои*) беморӣ мебошад, на сабабҳои он.

**СИМФОНИЕ́ТТА, СИМФОНЙЕ́ТТА (СИМФОНЬЕ́ТТА),** [< *симфония*]. *мус*. *Симфонияи* хурд, симфонияча.

**СИМФО́НИЯ**, [< юн. symphonia ҳамоҳангӣ]. **1**. Асари калони мусиқӣ барои оркестр. **2**. *маҷ*. Таносуб, бо якдигар мос омадан, мас., С.-и (таносуби) рангҳо.

**СИНАГО́ГА**, [< юн. synagoge маҷлис, маҳфил, иттиҳод]. Ибодатгоҳ ва ҷамоати динии яҳудиён. || Мқс. костел.

**СИНАНТРО́П**, [< лот. Sin Хитой + юн. anthropos одам]. *антр*. Боқимондаи аз зери замин ёфтшудаи одами қадимтарин, ки скелеташ ба скелети *пикантроп* наздик аст; дар Хитой, дар наздикии Пекин ёфт шудааст ва номаш аз ҳамин ҷост.

**СИ́НАПС**, [< юн. synapsis алоқа, васл]. *анат*. Пайвастгоҳи ҳуҷайраҳои асаб; ҷое, ки ҳуҷайраҳои асаб бо якдигар (С.-и байнинейронӣ) ё бо бофтаҳои диг. (С.-и узвӣ) пайваст мешаванд.

**СИНГА́ (ЦИНГА́),** [< лот. dens дандон]. *тиб*. Бемории, ки аз нарасидани витаминҳо дар организм пайдо шуда, касро беҳол мекунад, мушаку буғумҳо дард мекунанд, аз милкҳои дандон хун меравад, дандонҳо пӯсида мерезанд.

**СИНГЛ,** [англ. single]. Қарта, *кассета* ё *диски* сурудҳои ягон сароянда.

**СИ́НДИК,** [юн. syndikos]. **1**. Дар Юнони Қадим – ҳимоятгар, ҳомӣ дар мурофиаи суд. **2**. Дар Аврупои асрҳои миёна – пири косибон, ҳунармандон. **3**. Дар баъзе мамлакатҳои имрӯза – раиси шаҳр, мансабдори муассиса, ширкат ва ғ.

**СИНДИКА́Т,** [< юн. syndikos якҷоя амалкунанда]. **1**. Иттиҳодияи корхонаю ширкатҳое, ки бо фаъолияти умумии тиҷоратӣ машғул буда, дар айни ҳол мустақилияти истеҳсолию ҳуқуқии худро нигоҳ медоранд. || Мқс. картел, корпоратсия. **2**. Номи иттифоқи касаба дар Фаронса ва баъзе мамлакатҳои диг.

**СИНДРО́М**, [< юн. syndrome ҷамъшавӣ]. *тиб.* Маҷмуи аломатҳое (*симптомҳое*), ки ба ягон беморӣ хос мебошанд; баъзан худи беморӣ ё ягон давраи онро низ С. меноманд. || Мқс. симптом.

**СИНЕ́КДОХА**, [юн. synekdoche]. *адш., збш.* Маҷози мурсал; воситаи услубӣ дар назм ва наср, ки ба ҷои кулл ҷузъ, ба ҷои том ҳисса кор фармуда мешавад, мас., "риш" ба ҷои "одами ришдор".

**СИНЕКУ́РА**, [< лот. sine cura беғам, беташвиш]. Мансаби сердаромад ва серпуле, ки заҳмати бисёрро талаб намекунад.

**СИНЕМАТО́ГРАФ**, [фр. sinematographe]. Ниг. *кинематография, кинематограф, кино.*

**СИНЕРГИ́ЗМ**, **СИНЕРГИ́Я**, [< юн. synergeia амали якҷоя]. *тиб.* **1**. Амали якҷоя (муттафиқона)-и узвҳо ё системаҳо дар организми зинда. **2**. Вокуниши организм ба таъсири якҷояи ду ё якчанд дору.

**СИНЕРГИ́СТ**, [< юн. synergeia амали якҷоя]. *анат.* Мушаке, ки якҷоя ва муттафиқона бо мушак(ҳо)-и дигар амал мекунад; баръакси *антагонист.*

**СИНЙО́Р (СИНЬО́Р)**, [ит. signor]. Дар Италия: ҷаноб (муроҷиати боэҳтиромона ба мард). || Мқс. дон, мистер, сэр.

**СИНЙО́РА (СИНЬО́РА)**, [ит. signora]. Дар Италия: хонум, бону (муроҷиати боэҳтиромона ба зан). || Мқс. донна, мадам, миледи.

**СИНЙОРИ́НА (СИНЬОРИ́НА)**, [ит. signorina]. Дар Италия: хонум, бону (муроҷиати боэҳтиромона ба духтар). || Мқс. донна, мадам, мадмаузел.

**СИНЙОРИ́Я (СИНЬОРИ́Я)**, [ит. signoria]. *таър.* **1**. Дар шаҳр-давлатҳои Италияи асрҳои 13-16 – шакли сохти сиёсӣ, ки дар он тамоми ҳокимият дар дасти як ҳоким (*тиран*) қарор дошт. || Мқс. тирания. **2**. Дар шаҳр-комуннаҳои Италияи асрҳои 13-14 – мақоми идоракунии шаҳр.

**СИНКЛИ́Т**, [< юн. sygkletos даъватшуда]. **1**. *таър.* Маҷлиси мансабдорони олӣ дар Юнони Қадим. **2**. Маҷлиси кардиналҳо дар калисои католикӣ. **3**. Ҷамъомад, маҷлиси шахсони олимартаба.

**СИНКО́ПА**, [< юн. synkope ихтисоршавӣ]. *збш.* Тахфиф; афтидани як ё якчанд овоз аз байни калима, мас., "ҳафмоҳа" талаффуз шудани калимаи "ҳафтмоҳа".

**СИНКРЕТИ́ЗМ**, [< юн. synkretismos муттаҳидӣ]. **1**. Яклухтӣ, тақсимнашавандагӣ, ки ҳолати ибтидоӣ ва инкишофнаёфтаи ягон ҳодисаро ифода мекунад, мас., санъати давраи ибтидоӣ, вақте ки мусиқӣ, суруд ва рақс аз якдигар ҷудо набуданд. **2**. *фалс.* Омезиши ақидаҳои ҳархела, мухолиф ва бо якдигар номувофиқ; *эклектика* низ гӯянд.

**СИНО́Д**, [< юн. synodos маҷлис]. **1**. *таър.* Дар Россияи тоинқилобӣ – муассисаи олие, ки калисои православияниро идора мекард. **2**. Ҳоло шӯрои олии назди *патриархи*

Москва ва Тамоми Рус. **3**. Маҷлиси шахсони рӯҳонӣ ва дунявӣ дар калисои протестантӣ барои муҳокима ва ҳалли масъалаҳои калисо.

**СИНОЛО́ГИЯ**, [< Sina Хитой + ...*логия*]. Хитойшиносӣ; чиншиносӣ; илм дар бораи забон, адабиёт, таърих ва фарҳанги мардуми Хитой.

**СИНО́НИМҲО**, [< юн. synonymos ҳамном]. *збш*. Муродифҳо; калимаҳои ҳаммаъно.

**СИНО́ПСИС**, [юн. synopsis]. Баён ва ҷамъбасти умумии ақидаҳои гуногун доир ба ягон масъала.

**СИНО́ПТИКА**, [< юн. synoptikos мушоҳидакунанда]. Соҳаи *метеорология*, ки равандҳои физикии атмосфераро омӯхта, тағйирёби обу ҳаворо муайян ва пешгӯӣ мекунад.

**СИНТА́ГМА**, [юн. syntagma]. *збш*. Воҳиди синтаксисие, ки дар он калимаҳо аз рӯи қоидаҳои муайян бо якдигар мувофиқат мекунанд.

**СИ́НТАКСИС**, [< юн. syntaxis тартиб додан]. *збш*. Наҳв; қисми *грамматика*, ки сохти ҷумла ва қоидаҳои ҷумласозиро меомӯзад.

**СИНТА́КТИКА**, [< *синтаксис*]. *збш*. Фасли *семиотика*, ки наҳви маҷмуи аломатҳоро меомӯзад.

**СИ́НТЕЗ**, [< юн. synthesis пайваст (муттаҳид) кардан, омезиш додан]. **1**. Усули тадқиқи объект дар ягонагӣ ва алоқамандии қисмҳои таркибии он; ҷамъбаст кардан ва ба шакли воҳиди том даровардани маълумоти дар натиҷаи таҳлил ба даст овардашуда. **2**. *фалс*. Дар фалсафаи Гегел – зинаи олии инкишофи диалектикӣ, ки якҷоя бо *антитезис* ва *тезис* инкишофи сезинагиро (*триадаро*) ташкил медиҳад. **3**. *хим*. Аз моддаҳои сода ҳосил кардани моддаҳои мураккаб. **4**. С и н т е з и  с а н ъ а т – омезиш додани намудҳои гуногуни санъат, ки таъсири бештари эстетикӣ дорад, мас., *видеофилм* С.-и санъати режиссёрӣ, актёрӣ, адабиёт, мусиқӣ ва ғ. ба ҳисоб меравад.

**СИНТЕЗА́ТОР**, [< *синтез*]. Як навъ асбоби мусиқии электрии забонакдор, ки бо он овози асбобҳои мусиқии гуногун ва ҳар гуна садоҳои табииро (мас., вазиши бод, чаҳ-чаҳи паррандагон ва ғ.-ро) тақлид карда навохтан мумкин аст.

**СИНТЕТИКӢ**, [< *синтез*]. **1**. Ба *синтез* асосёфта, дар натиҷаи *синтез* ҳосилшуда; п о л и м е р ҳ о и  с и н т е т и к ӣ – полимерҳое, ки бо роҳи синтез ҳосил карда шудаанд; аз ин гуна *полимерҳо* нах, матоъҳои нафису бадошт (капрон, нейлон ва ғ.), пластмасса ва м. инҳо истеҳсол карда мешаванд; з а б о н ҳ о и  с и н т е т и к ӣ – забонҳое, ки дар онҳо маъноҳои грамматикӣ бо шаклҳои худи калимаҳо (бо *аффиксҳо* ё *флексияи* дохилӣ) ифода меёбанд, мас., забонҳои юнонӣ, лотинӣ, славянии қадим ва ғ.

**СИ́НТО, СИНТОИ́ЗМ, ШИНТОИ́ЗМ,** [< яп.]. Дини асримиёнагии японҳо (дар баробари буддоия), ки дар аввал табиат ва ниёгон, баъдтар сулолаи императорҳоро парастиш мекард; аз с. 1868 то с. 1946 – дини давлатии Япония.

**СИНУИ́Т, СИНУСИ́Т**, [< *синус*]. *тиб.* Номи умумии газаки луобпардаҳои ковокии бинӣ: *гайморит, фронтит, этмоидит.*

**СИ́НУС**, [< лот. sinus каҷӣ]. **1**. *мат.* Яке аз функсияҳои тригонометрии кунҷ – нисбати *катети* муқобили кунҷи тез бар *гипотенуза* дар секунҷаи росткунҷа. ‖ Мқс. косинус, секанс, тангенс. **2**. *анат.* Ҷавф, ҷайб, ковокии ягон узв ё қисми бадан, мас., С.-и мағзи сар, бинӣ ва ғ.

**СИНХОНДРО́З**, [< юн. syn якҷоя + chondros тағояк]. *анат.* Ба воситаи тағояк бо ҳам васл шудани устухонҳо.

**СИНХРОНИ́ЗМ**, [< *синхронӣ*]. Ҳамзамонӣ; ба як вақт тифоқ афтодани ду ё якчанд ҳодиса, раванд.

**СИНХРОНӢ**, [< юн. syn якҷоя + chronos вақт]. Ҳамзамон; баробар, дар як вақт рӯйдода, ҳамзамон иҷрошуда, мас., ҳаракатҳои С., тарҷумаи С.

**СИНХРОТРО́Н,** [< *синхронӣ + (элек)трон*]. *физ.* Дастгоҳ барои тезондани суръати ҳаракати электронҳо то энергияи баробар ба миллиардҳо электрон-волт, ки дар он электронҳо бо майдони электрии баландбасомади басомадаш доимӣ тезонда мешаванд ва устувор гаштани мадорҳои онҳо ба туфайли афзудани майдони магнитӣ ба даст меояд. ‖ Мқс. бетатрон.

**СИНХРОФАЗОТРО́Н,** [< *синхронӣ + фазотрон*]. *физ.* Дастгоҳ барои тезондани суръати ҳаракати протонҳо то энергияи баробар ба миллиардҳо электрон-волт, ки дар он протонҳо бо майдони электрии баландбасомади басомадаш тағйирёбанда тезонда мешаванд ва устувор гаштани мадорҳои онҳо ба туфайли афзудани майдони магнитӣ ба даст меояд. ‖ Мқс. бетатрон, синхротрон.

**СИНЭКОЛО́ГИЯ,** [< юн. syn якҷоя + *экология*]. *биол.* Яке аз фаслҳои *экология* буда, ҳаёти *биосенозҳоро*, ки намудҳои гуногуни ҳайвонот, растаниҳо ва микроорганизмҳоро дар бар мегиранд, инчунин муносибати онҳоро бо муҳити зиндагониашон меомӯзад. ‖ Мқс. аутоэкология.

**СИОНИ́ЗМ**, [< Сион – номи кӯҳе дар наздикии Байтулмуқаддас + пасв. -*изм*]. Ҳаракати миллии иртиҷоии яҳудиён, ки ба Фаластин кӯчонда бурдани яҳудиёни мамлакатҳои гуногун ва дар он ҷо ташкил кардани давлати яҳудиёнро тарғиб менамояд; пайравони С. (сионистҳо) даъво мекунанд, ки ҳамаи яҳудиён – дар кадом мамлакате, ки зиндагӣ кунанд ва бо кадом забоне, ки гап зананд – миллати ягонаро ташкил медиҳанд.

**СИРЕ́НА**, [лот. Siren < юн. Seiren]. **1**. Дар асотири юнониёни қадим – парии обӣ; махлуқи нимпарандаю нимзан, ки бо суруди худ баҳрнавардонро ба ҷойҳои хавфноку ҳалокатовар ҷалб мекардааст. **2**. *зоол.* Гови обӣ; ҳайвони ширхӯри баҳрӣ аз оилаи обхокиҳои думдор. **3**. *физ.* Асбоб барои баровардани садоҳои баландиашон гуногун ва чен кардани шумораи лаппишҳои ҷисми садобарор. **4**. *физ.* Олат барои баровардани садои баланд, ки дар минoҳо, киштиҳо, мошинҳои ёрии таъҷилӣ, мошинҳои сӯхторнишонӣ ва ғ. истифода мешавад.

**СИРК (ЦИРК),** [< лот. circus давра]. **1**. Навъи намоиши театрӣ, ки дар он акробатҳо, гимнастҳо, паҳлавонон, дорбозон, ширинкорон, ромкунандагони ҳайвонот ва ғ. ҳунарнамоӣ мекунанд. **2**. Бинои доирашакл барои чунин намоиш. **3**. *геол.* Ниг. *кар*[2].

**СИРКУ́Л (ЦИРКУ́ЛЬ),** [< лот. circulus давра]. Паргор.

**СИРКУЛЯ́Р (ЦИРКУЛЯ́Р),** [< лот. circulus давра]. Фармон ё дастури хаттӣ ба идораҳои тобеъ.

**СИРО́ККО**, [ит. sirocco]. Гармсели африқоӣ, ки дар мамлакатҳои атрофи баҳри Миёназамин мевазад. || Мқс. бора, борей, пассат.

**СИРРО́З (ЦИРРО́З),** [< юн. kirros зард, зардча]. *тиб.* Варами бофтаи пайвандкунандаи ягон узв, ки боиси иллат ёфтани он узв мегардад.

**СИСТЕ́МА**, [лот., юн. systema]. **1**. Ба маънии васеаш – низом, назм, тартиб, мас., С.-и даврии Менделеев. **2**. Тартибу низоми муайяни ягон кор, амал, чиз, ки ба алоқамандии байниҳамдигарии қисмҳои таркибии он кор, амал, чиз асос ёфтааст, мас., С.-и ҳисобу китоби муҳосибӣ (бухгалтерӣ). **3**. Маҷмуи принсипҳое, ки асоси ин ё он таълимотро ташкил медиҳанд, мас., С.-и фалсафии Арасту. **4**. Шакли сохти ҷамъиятӣ, мас., С.-и капиталистӣ. **5**. Маҷмуи қисмҳое, ки аз рӯи вазифаҳои умумиашон бо якдигар вобастаанд, мас., С.-и асаб. **6**. Принсипҳои сохти ягон чиз, мас., таппончаи С.-и Макаров. **7**. Шакл, тарзи ташкили коре, чизе, мас. С.-и интихоботӣ. **8**. Маҷмуи муассисаҳо, ташкилотҳо, ки вазифаҳои умумӣ ё ба ҳам наздикро иҷро мекунанд, мас., С.-и маориф, С.-и тандурустӣ. **9**. *геол.* Ҷинсҳои кӯҳие, ки дар давоми як давраи геологӣ ба вуҷуд омадаанд. **10**. Маҷмуи иншооту воситаҳои техникие, ки барои ин ё он мақсади умумӣ таъйин шудаанд, мас., С.-и обёрӣ.

**СИСТЕМАТИКА,** [< *система*]. **1**. Ба низом, тартиб (*система*) даровардан; тасниф ё ба гурӯҳҳо ҷудо кардани ашёву ҳодисаҳои бо якдигар алоқаманд. **2**. *биол.* Фасли биология, ки намудҳои ҳайвоноту наботот ва микроорганизмҳоро аз рӯи аломатҳои умумӣ ё тафовутҳояшон меомӯзад ва ба гурӯҳҳо ҷудо мекунад.

**СИСТЕ́РНА (ЦИСТЕ́РНА),** [< лот. cisterna обанбор]. Зарфи калони металлии чалакмонанд барои нигоҳ доштан ва кашондани моеот, инчунин вагон ё мошини дорои чунин зарф.

**СИСТИ́Т (ЦИСТИ́Т),** [< юн. kystis пешобдон]. *тиб.* Газаки луобпардаи пешобдон.

**СИ́СТОЛА,** [< юн. systole ихтилоҷ, кашишхӯрӣ]. *физиол.* Кашишхӯрии мураттаб ва мукаррари мушаки дил, ки ҳар дафъа баъди сустшавии он (*диастола*) ба вуҷуд меояд; дар натиҷаи С. хун ба шарёнҳо ҷорӣ мешавад.

**...СИТ (...ЦИТ),** [< юн. kytos ҳуҷайра]. Қисми охири калимаҳои мураккаб, ки бо ҳуҷайраҳои гуногуни хун робита доштани калимаро ифода мекунад, мас., *лейкосит.*

**СИТО... (ЦИТО...),** [< юн. kytos ҳуҷайра]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки бо ҳуҷайраи ҳайвонот ё растаниҳо робита доштани калимаро ифода мекунад, мас., *ситология, ситоплазма*.

**СИТОЛО́ГИЯ (ЦИТОЛО́ГИЯ),** [< юн. kytos ҳуҷайра + *...логия*]. Ҳуҷайрашиносӣ; илм дар бораи сохт, таркиби химиявӣ ва фаъолияти ҳуҷайраҳои ҳайвонот ва наботот.

**СИТОПЛА□ЗМА (ЦИТОПЛА□ЗМА),** [< *сито...* + *плазма*]. *биол.* Қисми берунимағзии (беруниядроии) *протоплазмаи* ҳуҷайраҳои ҳайвонот ва наботот.

**СИ́ТРУС (ЦИ́ТРУС),** [< лот. citrus дарахти лимӯ]. Дарахт ё бутта аз оилаи испандиҳо, ки меваҳои калони сершира ва хушбӯй дорад, аз қабили афлесун, лимӯ, мандарин ва ғ.

**СИФ**, [англ. sif]. *тиҷ.* Чунин шарти фурӯши мол, ки ҳангоми он хароҷоти суғурта ва ҳамлу нақли он ба нархи мол дохил карда мешавад.

**СИФИДОЛО́ГИЯ,** [< *сифилис* + *...логия*]. *тиб.* Соҳаи тиб, ки бемории *сифилис* (оташак, обилаи фарангӣ, куфт) ва роҳҳои табобати онро меомӯзад. || Мқс. венерология.

**СИ́ФИЛИС**, [аз номи асари духтури италиёвӣ Ҷ. Фракасторо «Сифилис ё бемории фаронсавӣ», ки ба тавсифи бемории чӯпон Сифилус бахшида шудааст]. *тиб.* Оташак, обилаи фарангӣ, доъулфаранг; кӯфт; бемори сироятии зуҳравӣ, ки дар олати таносул ва узвҳои диг. бар асари спирохет (трепонемаи сафед) пайдо мешавад. || Мқс. гонорея, триппер.

**СИФО́Н**, [юн. siphon найча]. **1**. Найчаи каҷ барои аз зарфи сатҳаш баландтар ба зарфи сатҳаш пасттар гузарондани моеъ. **2**. Зарфи ҳамин хел найчадор барои оби газнок.

**СИФОНОФО́РҲО**, [< юн. siphon найча]. *зоол.* Зерсинфи рӯдаковокҳои обӣ, ки асосан дар баҳрҳои гарм зиндагӣ мекунанд.

**СКАЙП**, [англ. Skype номи ширкат]. *инф.* Барномаи махсусе, ки тавассути Интернет алоқаи ройгони овозию тасвириро (*аудиовизуалиро*) дар байни компютерҳо таъмин менамояд; ба воситаи С. матнҳои хаттӣ ва файлҳоро низ фиристодан ва қабул кардан мумкин аст.

**СКА́ЛПЕЛ (СКА́ЛЬПЕЛЬ)**, [лот. scalpellum < scalpere тарошидан]. Корди на чандон калони ҷарроҳӣ; нештар.

**СКАЛЯ́Р**, [< лот. scalaris дараҷадор]. *мат.* Бузургие, ки танҳо бо қиматҳои ададӣ чен карда мешавад (мас., дарозӣ, ҳаҷм, вазн).

**СКА́НДИЙ**, [аз номи ҷои иктишофаш – нимҷазираи Скандинавия]. Элементи химиявии гурӯҳи III системаи даврӣ (Sc); металли нуқратоби сафед, ки дар электроника ва техникаи лазерӣ истифода мебаранд.

**СКА́НЕР**, [англ. scanner]. **1**. *инф., тех.* Асбоб барои табдил додани иттилооти графикӣ (мас., сурат, матни китоб ва ғ.) ба маҷмуи сигналҳои электрикӣ барои коркарди минбаъдаи ин иттилоот дар компютер. **2**. *биол.* Асбоб барои ташхиси радиоизотопӣ.

**СКАРИФИКА́ТОР**, [англ. scarificator]. Мошини кишоварзӣ барои ба кишт тайёр кардани тухмиҳо бо роҳи харошида (тарошида) тунук кардани пӯсти онҳо (бо мақсади тезтар неш задани тухмӣ).

**СКАРЛАТИ́НА**, [ит. scarlattina]. *тиб.* Махмалак; бемории вазнини сирояткунандаи кӯдакон, ки ҳангоми он ҳарорат баланд шуда, дар бадан сурхча медамад ва гулӯ дард мекунад.

**СКАРН**, [шв. skarn]. *геол.* Ҷинси кӯҳие, ки аз тафтаи (*магмаи*) гудохта ва ҷинсҳои таҳшинӣ ё вулқонӣ ба вуҷуд омадааст.

**СКАТ,** [лот. squatus]. *зоол.* Суфрамоҳӣ; моҳии калони дарандаи баҳрӣ, ки танаи пачақ ва думи тез дорад.

**СКА́УТ,** [англ. scout]. Узви ташкилоти кӯдакону наврасон, ки дар охири асри 19 – аввали асри 20 дар Англия бо мақсади тарбияи беруназмактабии онҳо таъсис ёфта буд; аъзоёни ин ташкилот – писарҳоро *бойскаутҳо* ва духтаронро *герлскаутҳо* меномиданд. || Мқс. пионер.

**СКАФА́НДР**, [< юн. skaphe заврақ + andros одам]. Либоси ҳавоногузари ғаввосон ва кайҳоннавардон.

**СКАФОКЕФА́ЛИЯ, СКАФОСЕФА́ЛИЯ (СКАФОЦЕФА́ЛИЯ)**, [< юн. skaphe заврақ + kephale сар]. *тиб.* Заврақсарӣ; қаиқсарӣ; шакли номуқаррарии сар, ки заврақро ба хотир меорад – корасахонаи дарозрӯя, пешона ва пушти сари барҷаста.

**СКВАЙР**, [англ. squire]. **1**. Шакли дигари (кӯтоҳшудаи) унвони *эсквайр*. **2**. Дар Амрикои Шимолӣ – унвони судяҳо ва дигар мансабдорони маҳаллӣ.

**СКВЕР,** [англ. square]. Боғча, чорбоғ; боғи на чандон калони ҷамъиятӣ дар шаҳр, шаҳрак.

**СКВО́ТТЕР, СКВА́ТТЕР,** [англ. squatter]. Шахсе, ки замини бегона ё хонаи (квартираи) холиро азони худ кардааст.

**СКЕЙТ**, [англ. skate]. **1**. Тахтаи тагаш чархдор барои машғул шудан бо *скейтборд*; **2**. Худи *скейтборд*.

**СКЕ́ЙТБОРД,** [англ. skatboard < skate тахта + board савор шудан]. Скейтсаворӣ; скейтбозӣ; скейттозӣ; навъи бозии варзишӣ – савор шуда ҳаракат кардан дар болои тахтаи чархдор (*скейт*).

**СКЕЙТЕР**, [англ. skater]. Скейтбоз; шахсе, ки бо *скейтборд* машғул аст.

**СКЕЙТОДРО́М,** [< *скейт* +...*дром*]. Майдони скейттозӣ.

**СКЕЛЕ́Т**, [юн. skeletos]. **1**. Маҷмуи устухонҳо ва диг. бофтаҳои сахти бадани инсон ва ҳайвон. **2**. *маҷ*. Қафаса, қолаб, чӯббаст, оҳанбаст, мас., С.-и иморат. || Мқс. каркас.

**СКЕ́ПСИС**, [юн. skepsis]. Ниг. *скептисизм*.

**СКЕ́ПТИК**, [< юн. skeptikos]. **1**. Пайрави *скептисизм*. **2**. *маҷ*. Одами шаккок, ба ҳар чиз бо шубҳа нигоҳкунанда.

**СКЕПТИСИ́ЗМ (СКЕПТИЦИ́ЗМ)**, [< юн. skeptikos]. **1**. Шаккокия; ҷараёни фалсафие, ки асоси онро шаку шубҳа ба вуҷуд доштани маҳаки боэтимоди ҳақиқат, нобоварӣ ба дарки ҳақиқати объективӣ ташкил медиҳад. **2**. *маҷ*. Муносибати шаккокона, нобоварона ба ҳақиқат будани ягон чиз, ҳодиса.

**СКЕ́ТИНГ-РИ́НК**, [англ. skating-rink]. Майдончаи дорои фарши махсус барои рақс ё хоккей бо конкиҳои чархакдор.

**СКЕТЧ**, [англ. sketch]. Пйесачаи эстрадии шӯх.

**СКИНХЕ́ДҲО,** [англ. skinhead]. Гурӯҳи ҷавонони авбош, ба истилоҳ "сартарошидаҳо", ки нисбати намояндагони миллатҳои дигар ҳисси нафрат ва муносибати таҷовузгарона доранд.

**СКИН-ЭФФЕ́КТ**, [< англ. skin пӯст + *эффект*]. *физ*. **1**. На бо тамоми ноқил, балки бо қабати болоии он ҷорӣ шудани ҷараёни баландбасомад. **2**. Пурзӯр гардидани майдони магнитӣ дар қабати болоии ҷисм назар ба қабати дарунии (мағзи) он ҳангоми магнитнок кардани ҷисм бо майдони магнитии тағйирёбанда.

**СКИП**, [< англ. skip]. Мошини борбардору борфурор, ки дар конҳо барои аз *шахта* баровардани маъдан, инчунин ба печи металлгудозӣ кашондани *шихта* (маъдан, ангишт ва ғ.) хизмат мекунад.

**СКИ́ПЕТР,** [< юн. skeptron чӯбдаст]. Кавкаба; чӯбдасти бо ҷавоҳирот орододашуда, ки дар баробари тахту тоҷ рамзи салатанат аст.

**СКИФ**, [англ. skiff]. Як навъ завраqи борики дароз барои пойга.

**СКИ́ФҲО,** [юн. Skythai]. *таър*. Номи умумии қабилаҳои бодиянишине, ки аз асри 7 пеш аз мелод то асри 3 мелодӣ дар даштҳои шимолии назди баҳри Сиёҳ зиндагӣ мекарданд.

**СКЛЕ́РА**, [< юн. sklera сахт]. *анат*. Сулбия; пардаи ношаффофи берунии чашм.

**СКЛЕРИ́Т**, [< *склера*]. *тиб*. Варами пардаи берунии чашм (*склера*).

**СКЛЕРО**..., [< юн. skleros сахт, ғафс]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои сахт, ғафс, зич, дағал шудани (будани) чизе, мас., *склеродермия*.

**СКЛЕРОДЕРМИ́Я, СКЛЕРОДЕ́РМА**, [< юн. skleros сахт, ғафс + derma пӯст]. *тиб*. Тасаллуби пӯст; сахтпӯстӣ; дағалпӯстӣ; бемории музмине, ки бо сахту дағалшавии пӯст, бофтаҳои зери он ва баъзан узвҳои дохили бадан зоҳир мегардад.

**СКЛЕРО́З**, [< юн. skleros сахт, ғафс]. **1.** *тиб.* Тасаллуб; сахту дағалшавии узвҳо дар натиҷаи маҳвшавии унсурҳои хоси узвҳо ва бо бофтаҳои пайвандкунанда иваз гардидани онҳо; бар асари бемориҳои илтиҳобӣ, душвор шудани гардиши хун, вайрон шудани мубодилаи моддаҳо, пирӣ ба вуҷуд меояд. **2**. *гуфт.* Сустии қувваи ҳофиза; заъфи хотира; фаромӯшхотирӣ.

**СКЛЕРО́МА**, [< юн. skleroma сахтшавӣ, ғафсшавӣ, дағалшавӣ]. *тиб.* Бемории музмини сирояткунандае, ки ҳангоми он луобпардаи роҳҳои нафас зарар дида, варам мекунад.

**СКЛЕРО́МЕТР**, [< *склера* + *...метр*]. *тех.* Асбоб барои чен кардани дараҷаи сахтӣ ё зичии минералҳо, металлҳо ва ғ.

**СКОЛИО́З**, [< юн. skolios каҷ]. *тиб.* Ба паҳлӯ каҷ шудани сутунмуҳра.

...**СКОП**, [< юн. skopeol мебинам]. Қисми охири номи асбобҳое, ки бо онҳо чизеро мебинанд, мушоҳида мекунанд, мас., *микроскоп, телескоп.*

...**СКОПИЯ**, [< юн. skopeol мебинам]. Қисми охири калимаҳои мураккаб, ки бо дидан, мушоҳида (муоина) кардани ягон чиз робита доштанро ифода мекунад, мас., *эндоскопия.*

**СКОРОДИ́Т**, [< юн. skorodon сир, сирпиёз]. *маъд.* Маъдан, минерал барои ҳосил намудани *арсен* (марги муш); дар вақти гудохтан аз он бӯи сир меояд ва номаш аз ҳамин ҷост.

**СКОРОСШИВА́ТЕЛ (СКОРОСШИВА́ТЕЛЬ)**, [< рус]. Ҷузъгири дорои коғазқаппак.

**СКОТЧ**, [англ. scotch]. Тасмаи тунуки часпак барои чизеро часпондан, печондан, бастан ва ғ.

**СКРАП,** [англ. scrap]. Пасмондаҳои истеҳсолоти металлгудозӣ ва пӯлодрезӣ, инчунин ҳама гуна порчаҳои оҳану пӯлод, ки аз нав гудохта мешаванд.

**СКРЕ́ПЕР,** [англ. scraper]. Мошини заминковии кафлездор, ки дар роҳсозӣ, кофтани конҳо ва ғ. истифода мешавад.

**СКРЕ́ПКА,** [< рус. скрепить маҳкам кардан]. Қаппаки симин барои ба якдигар маҳкам кардани варақҳо, ҳуҷҷатҳо.

**СКРИ́НИНГ,** [англ. screening]. *тиб.* Муоинаи саросарии аҳолӣ бо мақсади ошкор намудани шахсоне, ки ба ягон бемории муайян дучор шудаанд.

**СКРИ́ПКА**, [< рус.]. Яке аз навъҳои ғиҷҷак; асбоби мусиқии чорсима, ки асосан ба зери манаҳ такя кунонда менавозанд.

**СКРИПТО́РИЙ**, [< лот. scriptor котиб, нусхабардор]. *таър.* Устохона дар дайрҳои асримиёнагии Аврупои Ғарбӣ, ки дар он китобҳоро нусхабардорӣ мекарданд.

**СКРОФУЛОДЕ́РМА**, [< лот. scrofulae варами лимфагиреҳҳо + юн. derma пӯст]. *тиб.* Сили пӯст.

**СКРУ́ББЕР**, [англ. scrubber]. *тех*. **1**. Дастгоҳ барои тоза кардани газ аз ҳар гуна омехтаҳои сахт. **2**. Мошини маъданшӯӣ.

**СКРУ́ПУЛ**, [< лот. scrupulum рег]. Воҳиди масса дар дорусозӣ, ки ба 20 *гран* баробар аст.

**СКРЭБЛ**, [< англ. scrabble ҷустан]. Бозии рӯимизӣ – тартиб додани калимаҳо бо ёрии муҳрачаҳои ҳарфдор.

**СКУ́ДО,** [ит. scudo]. **1.** Тангаи қадимии нуқрагӣ ё тиллоӣ дар Италия. **2**. Танга дар Италия (то ҷорӣ шудани *евро*), ки қурбаш 5 *лир* аст.

**СКУ́ТЕР**, [англ. scooter]. Завраки якҷояи муҳаррикдори варзишӣ.

**СКУТОЗА́ВР**, [< юн. skutos сипар, зиреҳ + *...завр*]. *пал*. Хазандаи қадимӣ аз гурӯҳи парейазаврҳо, ки дар тахтапушташ зиреҳи устухонӣ дорад; дар давраи *перм* зиндагӣ мекард.

**СКУФЯ́ (СКУФЬЯ́)**, [юн. skuphi]. Кулоҳи махмалини нӯгтези рӯҳониёни православӣ.

**СЛАЙД**[1], [англ. slide]. Сурати дар шиша ё навори (*плёнкаи*) шаффоф чопшуда барои намоиш додан дар экран бо ёрии *диапроектор*; *диапозитив* низ гӯянд.

**СЛАЙД**[2], [англ. slide]. Харак дар завраки пойгагии белдор, ки ҳангоми бел задан пешу қафо меравад.

**СЛА́ЛОМ,** [норв. slalom < sla нишебӣ + lom из]. Навъи варзиш – лижатозии босуръат дар роҳҳои нишеб ва монеадори кӯҳӣ.

**СЛЕНГ**, [англ. slang]. *збш*. Ниг. *жаргон*.

**СЛЁТ,** [< рус. слетать парида омадан]. Маҷлис, ҷамъомади ташкилотҳои ҷамъиятӣ, намояндагони ягон касбу кор, мас., С.-и чорводорон.

**СЛИП,** [англ. slip]. **1**. Иншоот барои баровардану фуровардани киштиҳои хурд ба соҳил ё ба об. **2**. Майдончаи нишеб дар киштӣ барои кашола карда баровардани кити сайдшуда.

**СЛИ́ПЕР,** [< англ. to sleep хоб кардан]. Шахсеро, ки *гипноз* карда бошанд.

**СЛО́ГАН**, [англ. slogan]. Реклама дар шакли ҷумла ё ибораи зебо, муҷаз ва хотирнишин. || Мқс. лозунг.

**СМАЙЛ**, [< англ. smile табассум]. Чеҳрача; даврача дар шакли чеҳраи одам, ки дар матнҳои *Интернет* ё матнҳои диг. истифода мешавад ва ҳолати рӯҳиро, мас., шодӣ ё маъюсиро ифода мекунад.

**СМА́ЙЛИК,** [< англ. smile табассум]. *гуфт*. Ниг. *смайл*.

**СМЕ́НА**, [< рус. сменить иваз кардан]. Навбат; баст; вақти муайяни кор, таҳсил, дамгирӣ, навбатдорӣ ва ғ., инчунин гурӯҳи одамоне, ки дар як вақт бо ягон

фаъолият (мас., кор, таҳсил ва ғ.) машғуланд ва баъди гузаштани вақти муайян гурӯҳи одамони дигар онҳоро иваз менамоянд.

**СМЕ́ТА**, [рус.]. Ҳисобнома, мас., ҳисобномаи дахлу харҷи корхона.

**СМО́КИНГ**, [< англ. smoking тамокукашӣ]. Камзӯли сиёҳи домандарози пешкушода, ки гиребони абрешимӣ дорад; дар ҷамъомаду маҳфилҳо ва ҷашну тантанаҳои расмӣ мепӯшанд; пештар дар вақти тамокукашӣ мепӯшиданд ва номаш аз ҳамин ҷост.

**СНА́ЙПЕР**, [англ. sniper]. Мерган; тирандози моҳир.

**СНАЙПЕРСКО́П**, [< *снайпер* + *...скоп*]. Асбоби шаббинӣ барои тирандозӣ ҳангоми шаб.

**СНАРЯ́Д**, [рус.]. **1**. Тири тӯп. **2**. Номи умумии асбобу лавозимоти варзишӣ.

**СНОБ**, [англ. snob]. Шахсе, ки худро асилзода мепиндорад ва тарзи рафтору гуфтори ашрофона, олимонаро кӯр-кӯрона тақлид мекунад.

**СНО́УБОРД,** [англ. snow-board < snow барф + board тахта]. *варз*. Намуди варзиши зимистонӣ: бо суръати баланд сарнишеб фуромадан аз кӯҳ савори як тахтаи лижамонанд.

**СОВЕРЕ́Н**, [англ. sovereign]. Тангаи тилло дар Британияи Кабир, ки қурбаш як *фунт стерлинг* аст.

**СОВЕ́Т**, [рус. машварат, маслиҳат]. **1**. Шӯро; мақоми давлатии ҷамъияти сотсиалистӣ дар СССР, мас., С.-и Олии СССР. **2**. Шӯро; номи мақомоти роҳбарикунандаи давлатии интихобшуда ё таъйиншуда, мас., С.-и Вазирон, С.-и иттифоқҳои касаба. **3**. Дар муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ – мақоми машваратӣ, ки масъалаҳои тадқиқотӣ, методӣ ва таълиму тарбияро муҳокима мекунад.

**СОВХО́З**, [< рус. кӯтоҳшудаи советское хозяйство хоҷагии советӣ]. Корхонаи калони давлатии кишоварзӣ дар СССР. || Мқс. колхоз.

**СОВХО́З-ТЕ́ХНИКУМ**, [< *совхоз* + *техникум*]. Мактаби миёнаи махсус дар СССР, ки дар заминаи совхозҳои калон бо мақсади тайёр кардани мутахассисони соҳаи кишоварзӣ ташкил шуда буд.

**СО́ДА**, [лот. soda]. Номи техникии карбонатҳои натрий; дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла дар саноати хӯрокворӣ истифода мешавад.

**СОДО́М**, [аз номи шаҳри қадимии Фаластин Содом (Sodoma), ки, мувофиқи ривояти Библия, Худо онро барои фосиқию бадахлоқии сокинонаш сӯзонда, ба хокистар табдил додааст]. Бетартибӣ, шӯр, бадахлоқӣ.

**СОДОМИ́Я**, [< *содом*]. Ниг. *зоофилия*.

**СО́КЕР, СО́ККЕР**, [англ. soccer]. Яке аз навъҳои футбол, ки бештар дар ИМА маъмул аст.

**СОЛ (СОЛЬ)**[1], [ит. sol]. Яке аз садоҳои мусиқӣ, аломати панҷуми алифбои мусиқӣ.

**СОЛ (СОЛЬ)**[2], [исп. sol]. Воҳиди пули Перу, ки ба 100 *сентаво* баробар аст.

**СОЛАНИ́Н**, [< лот. solanum ангури сагак]. *хим.* Моддаи химиявии заҳрнок, ки дар баъзе растаниҳо, аз ҷумла дар буттаву меваи сабзшудаи картошка вуҷуд дорад.

**СОЛДА́Т**, [ол. Soldat < ит. soldato]. **1**. Аскар; сарбоз; хизматчии ҳарбии қаторӣ дар *армия*. **2**. Ба маънии васеъ – одами ҳарбӣ (сарфи назар аз рутба).

**СОЛИДО́Л**, [< лот. solidus ғализ + oleum равған]. Як навъ равғани ғализи молиданӣ, ки барои кам кардани соиш ва хӯрдашавии қисмҳои мошину таҷҳизот истифода мешавад.

**СОЛИПСИ́ЗМ**, [< лот. solus ягона + пасв. *-изм*]. *фалс*. *Субъективизми* ашаддӣ; равияи фалсафие, ки танҳо "ман"-и худ ва шуури фардиро ҳақиқати ягона мешуморад ва вуҷуд доштани олами берунаро инкор мекунад.

**СОЛИ́СИТОР**, [англ. solicitor]. Дар Британияи Кабир – адвокати пастмартаба, ки ҳуқуқи дар судҳои олӣ баромад карданро надорад.

**СОЛИ́СТ**, [ит. solista < лот. solus ягона, фақат як нафар]. Яккахон, якканавоз; иҷрокунандаи *соло*.

**СОЛИТЕ́Р**, [< лот. solus ягона]. Бриллианти калон, ки дар заргарӣ танҳо худашро (бе сангҳои дигар) истифода мебаранд.

**СОЛИТЁ́Р**, [< лот. solus ягона]. Кирми тасмашакле, ки дар бадани одам ва ҳайвонот зиндагӣ мекунад; дарозиаш то 10 м (зиёда аз 100 намуд). || Мқс. аскарида.

**СО́ЛЛЮКС**, [< лот. sol офтоб + lux нур]. Чароғи электрии пуриқтидор барои бо нур муолиҷа намудани беморон.

**СО́ЛО**, [< ит. solo танҳо, якка]. **1.** Асари мусиқӣ ё як қисми он барои яккахонӣ, яккановозӣ. **2**. Аз тарафи як кас иҷро карда шудани асари мусиқӣ ё рақс.

**СО́ЛО-ВЕ́КСЕЛ (СО́ЛО-ВЕ́КСЕЛЬ)**, [< ит. solo танҳо, якка + *вексел*]. *мол.* Уҳдадории пулӣ (*вексел*), ки ба он як кас имзо гузоштааст.

**СОЛЯ́РИЙ,** [лот. solarium < sol офтоб]. **1**. Майдончаи офтобхӯрӣ; ҷои махсус ҷиҳозонидашуда барои табобати беморон бо нури офтоб. || Мқс. аэрарий, аэротерапия. **2**. Дар парандапарварӣ – майдончаи атрофаш панҷаранок барои сайругашт ва чаридани парандаҳо.

**СО́МА**, [юн. soma]. *тиб., физиол.* **1**. Маҷмуи ҳуҷайраҳои тамоми организмҳои зинда, ғайр аз ҳуҷайраҳои ҷинсӣ. **2**. Бадани (тани) организми зинда.

**СОМАТӢ, СОМАТИКӢ**, [< *сома*]. *тиб., физиол.* Мансуб ба бадан (баръакси рӯҳӣ).

**СОМАТОЛО́ГИЯ,** [< *сома* + *...логия*]. *антр.* Баданшиносӣ; соҳаи антропология, ки хусусиятҳои гуногуни бадани инсон (қад, вазн, мутаносибии узвҳо ва ғ.)-ро меомӯзад.

**СОМБРЕ́РО**, [исп. sombrero < sombra соя]. Кулоҳи лапарвасеи испаниҳо ва халқҳои Амрикои Лотинӣ. || Мқс. боливар$^{2}$, шляпа.

**СОМЕЛЬЕ́ (СОМЕЛЙЕ́)**, [фр. sommelier]. Ходими тарабхонаҳои гаронарзиш, ки ба нӯшокиҳои спиртии нодир ва қиматбаҳо мутасаддӣ аст.

**СОМНАМБУЛИ́ЗМ**, [< лот. somnus хоб + ambulare сайругашт]. *тиб.* Як навъ ихтилоли шуур – аз хоб бедор нашуда роҳ гаштан ё амалҳои гуногунро иҷро кардан (даруни ҷевонро кофтан, ба дарахт баромадан ва ғ.); *лунатизм* ва *ноктамбулизм* низ гӯянд.

**СОМНОЛО́ГИЯ**, [< лот. somnus хоб + *...логия*]. Илми хоб ва хоббинӣ.

**СОНА́ТА**, [ит. sonata]. Асари мусиқӣ барои як ё ду асбоби мусиқӣ; аз якчанд қисме, ки дорои ғояи бадеии умумӣ мебошанд, иборат аст.

**СОНГ**, [англ. song]. Суруди ҳаҷвӣ дар мавзуъҳои муҳими рӯз, ки дар операҳои мазҳакавӣ ва намоишҳои мусиқии амрикоӣ, англисӣ ва немисӣ истифода мешавад.

**СОНЕ́Т**, [ит. sonetto]. Шеъри чордаҳмисраъгӣ, ки аз ду рубоӣ ва ду мусаллас иборат аст.

**СОНЕ́ТКА**, [фр. sonnette]. Зангӯлача дар хонаҳои аъёну ашроф барои ҷеғ задани хизматгор.

**СОНОРӢ**, [лот. sonorus]. *збш.* Ҳамсадоҳои ҷарангдор.

**СОПРА́НО,** [ит. soprano [< sopra баланд, боло]. *мус., санъ.* **1**. Овози баландтарини занона, инчунин мутрибае, ки чунин овоз дорад. || Мқс. контралто. **2**. *Партия* (ниг. *партия* ба маънои 3) барои чунин овоз дар асари мусиқии бисёровоз.

**СОРБЕ́НТ**, [< лот. sorbens фурӯ бурдан]. *хим.* Ҷабанда; ҷисми сахт ё моеъ, ки барои ҷабида гирифтани ин ё он модда аз маҳлул ё газ истифода мешавад. || Мқс. абсорбент, адсорбент.

**СОРБИТ$^{1}$**, [аз номи олими англис Г.К.Сорби (Sorby), 1826-1908)]. Яке аз навъҳои пӯлод – омехтаи *феррит* ва *сементит.*

**СОРБИТ$^{2}$**, [< лот. sorbum ғубайро]. Моддаи кристаллии беранги ширин, ки аз *глюкоза* (дар табиат – аз обсабзҳои баҳрӣ, ғубайро, олу, себ ва ғ.) ҳосил карда мешавад; ҳангоми бемории *диабет* ба ҷои қанд, инчунин дар истеҳсоли кислотаи аскорбин истифода мебаранд.

**СО́РБСИЯ (СО́РБЦИЯ),** [< лот. sorbens фурӯ бурдан]. *хим., тех.* Аз муҳити атроф, газ ё маҳлул ягон моддаро ҷабида гирифтани ҷисми сахт ё моеъ. || Мқс. абсорбсия, адсорбсия.

**СОС**, [англ. SOS < save our souls ҷони моро халос кунед]. *Сигнали* байналхалқии фалокат ва наҷотхоҳӣ; одатан бо алифбои *Морзе* фиристода мешавад.

**СОСИ́СКА,** [лот. salsicia < salsus шӯр]. Ҳасибча. || Мқс. колбаса, сарделка.

**СОТСИА́Л-ДЕМОКРА́ТИЯ (СОЦИА́Л-ДЕМОКРА́ТИЯ)**, [< лот. socialis ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ + *демократия*]. Ҷараёни ғоявию сиёсие, ки дар охири асри 19 пайдо шуда, қувваҳои чапгароро дар муборизаашон бахри дигаргунсозиҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар ҷомеа муттаҳид мекард.

**СОТСИАЛИЗА́ТСИЯ (СОЦИАЛИЗА́ЦИЯ)**, [< лот. socialis ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ]. Раванди ташаккулёбии шахс, донишҳо, арзишҳо ва меъёрҳои ба ҷамъият хосбударо азхуд намуда, ба ҳаёти ҷомеа ҷалб гардидани он.

**СОТСИАЛИ́ЗМ (СОЦИАЛИ́ЗМ)**, [< лот. socialis ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ]. **1**. Сохти ҷамъиятию сиёсие, ки асоси муносибатҳои истеҳсолии онро моликияти давлатӣ ва дастҷамъӣ (коллективӣ) будани воситаҳои истеҳсолот ташкил медиҳад; принсипҳои асосии С.: адолат, озодӣ, баробарӣ. **2**. Мувофиқи таълимоти марксистӣ – зинаи аввалини *коммунизм*, ки принсипи асосиаш "аз ҳар кас – мувофиқи қобилияташ, ба ҳар кас – мувофиқи меҳнаташ" аст; С.-и хаёлӣ (*утопиявӣ*) – таълимоти томарксистӣ дар бораи ҷамъияти идеалие, ки пояҳои онро моликияти муштарак, меҳнати ҳатмӣ ва тақсими одилонаи маҳсули меҳнат ташкил медиҳанд.

**СОТСИО... (СОЦИО...)**, [< лот. socialis ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки ҳодисаю мафҳумҳои ба ҳаёти ҷомеа дахлдоштаро ифода мекунад, мас., *сотсиолингвистика, сотсиопсихология*.

**СОТСИОЛЕ́КТ (СОЦИОЛЕ́КТ),** [< лот. socialis ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ + юн. (dia)lektos лаҳҷа, шева]. *збш*. Шеваи гуфтор ва диг. хусусиятҳои забони ин ё он гурӯҳи иҷтимоӣ. || Мқс. диалект, жаргон, сленг.

**СОТСИОЛИНГВИ́СТИКА (СОЦИОЛИНГВИ́СТИКА)**, [< *сотсио*... + *лингвистика*]. Соҳаи илми забоншиносӣ, ки табиати иҷтимоии забон, вазифаҳои ҷамъиятии он ва таъсири омилҳои иҷтимоиро ба инкишоф ва пойдории забон меомӯзад.

**СОТСИОЛО́ГИЯ (СОЦИОЛО́ГИЯ)**, [< *сотсио*... + ...*логия*]. Илм дар бораи ҷамъият ва муносибатҳои ҷамъиятӣ.

**СОТСИОМЕ́ТРИЯ (СОЦИОМЕ́ТРИЯ)**, [< *сотсио*... + ...*метрия*]. Соҳаи психологияи иҷтимоӣ, ки таркиб, қонуният ва хусусиятҳои психологию функсионалии гурӯҳ ва коллективҳои хурди иҷтимоиро меомӯзад. || Мқс. сотсиология.

**СО́ТСИУМ (СО́ЦИУМ)**, [< лот. socium умумӣ, якҷоя, муштарак]. Гурӯҳи одамон (мас., қабила, сокинони минтақаи муайян ва ғ.), ки ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангияшон умумӣ ва ҳамгун аст.

**СОФА́**, [фр. sofa < ар. suffa]. *Дивани* пасти васеъ.

**СОФИ́ЗМ**, [юн. sophisma < sophia ҳилагарӣ, фиреб]. *фалс*. Ақида, муҳокимароние, ки ба тафсири духӯраи мафҳумҳо асос ёфта, зоҳиран дуруст менамоянд, вале дар асл ботил ва хилофи қоидаҳои мантиқ аст.

**СО́Я**, [< хит.]. Навъи лӯбиё, ки донааш серравған ва серсафеда буда, дар саноати хӯрокворӣ ва техника истифода мешавад.

**СПАГЕ́ТТИ**, [ит. spaghetti < spag ресмон]. **1**. Як навъ *макарони* борику дарози дарунаш пур. || Мқс. вермишел. **2**. Таоми италиёвӣ, ки бо ҳамин гуна макарон, қайлаи помидор, панир ва маҳсулоти диг. тайёр карда мешавад.

**СПАЗМ, СПА́ЗМА**, [юн. spasma]. Ихтилоҷ; кашишхӯрӣ, тарангшавӣ, шахшавии мушакҳо. || Мқс. стеноз.

**СПАЗМОФИЛИ́Я**, [< *спазм*... + ...*филия*]. *тиб*. Бемории кӯдакони хурдсол (одатан то дусола), ки бо камшавии калсий дар хун, ангезиши аз ҳад зиёди системаи асаб, ихтилоҷи мушакҳо зоҳир мегардад. || Мқс. тетания.

**СПАМ**, [англ. spam]. *инф*. Бо почтаи электронӣ ба муштариён фиристодани хабарҳои рекламавӣ бе дархост ё ризоияти онҳо.

**СПАНИЕ́Л (СПАНИЕ́ЛЬ),** [англ. spaniel < исп. espanol]. Зоти сагҳои шикории дарозбадан ва қадпаст.

**СПА́РРИНГ**, [англ. sparring]. *варз*. Зӯрозмоии машқӣ дар гӯштин, бокс, каратэ ва диг. намудҳои варзиш.

**СПАРТАКИА́ДА**, [< лот. Spartakus – аз номи Спартак – пешвои калонтарин шӯриши ғуломон дар Рими Қадим (асри 1 то милод)]. Мусобиқаи оммавӣ дар намудҳои гуногуни варзиш.

**СПАРТАНӢ**, [аз номи Спарта ном давлати Юнони Қадим]. **1**. *таър*. Сокини давлати қадими Юнон – Спарта, ки мардуми он аз овони кӯдакӣ ба зиндагии вазнин, ба тобоварию пурбардоштӣ одат кунонда мешуд. **2**. *маҷ*. Шахси риёзаткаш, ба зиндагии сангин тобовар ва пурбардошт. **3.** *маҷ*. Ҳаёти спартанӣ – ҳаёти пурриёзат, сермашаққат.

**СПЕКТА́КЛ (СПЕКТА́КЛЬ)**, [< лот. spectaculum тамошо, намоиш]. **1**. Намоиш дар театр. **2**. *маҷ., гуфт*. Сохтакорӣ; намоишкорӣ; ҳолат ё ҳодисаи сохта, қалбакӣ.

**СПЕКТР**, [< лот. spectrum дидашаванда, намоён]. *физ*. Маҷмуи қиматҳои ин ё он бузургии физикӣ, ки ягон раванд ё низомро тавсиф менамоянд; С.-ҳо муттасил ва мунфасил мешаванд.

**СПЕКТРО...**, [< *спектр*]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки ба *спектр* алоқа доштанро ифода мекунад, мас., *спектрограмма*.

**СПЕКТРОГРА́ММА,** [< *спектр* + …*грамма*]. Акс (сурати)-и *спектр*.

**СПЕКТРО́ГРАФ**, [< *спектр* + …*граф*]. Асбоби оптикӣ барои суратгирии ҳамаи *спектрҳои* афканишоти ягон манбаъ.

**СПЕКТРО́МЕТР**, [< *спектр* + *…метр*]. **1**. Спектрсанҷ; *спектроскопи* дорои олати ченкунанда барои муайян кардани вазъи хатҳои алоҳидаи *спектри* оптикӣ. **2**. Асбоб барои таҳлили тақсимшавии намудҳои гуногуни афканишоти ионкунанда аз рӯи энергия.

**СПЕКТРОСКО́П**, [< *спектр* + *…скоп*]. Спектрбин; асбоби оптикӣ барои дидани *спектрҳо*.

**СПЕКТРОСКОПИ́Я**, [< *спектр* + *…скопия*]. Соҳаи физика, ки спектрҳои афканишоти электромагнитии атомҳо, ядроҳои атомӣ, молекулаҳо, кристаллҳо ва м. инҳоро меомӯзад.

**СПЕЛЕО́ЛОГ**, [< юн. spelaion ғор + *…лог*]. Ғоршинос; ғорнавард; мутахассиси илми ғоршиносӣ (*спелеология*).

**СПЕЛЕОЛО́ГИЯ**, [< юн. spelaion ғор + *...логия*]. Ғоршиносӣ; илм дар бораи ғорҳо, пайдоиш, инкишоф, иқлим, истифодаи онҳо дар гузашта ва имрӯз.

**СПЕ́РМА**, [юн. sperma тухм]. Нутфа, манӣ.

**СПЕРМАТОГЕНЕ́З**, [< юн. sperma тухм + *...генез*]. *биол*. Раванди пайдошавии ҳуҷайраҳои ҷинсии нарина – *сперматозоидҳо* дар тухмдонҳои ҳайвонот ва одам.

**СПЕРМАТОЗО́ИД**, [< юн. sperma тухм + szoon ҳайвон + eidos намуд]. *биол*. Ҳуҷайраи ҷинсии наринаи одам, ҳайвон ва растаниҳо, ки сар, гардан ва дум дорад ва бо ёрии инҳо ҳаракат карда метавонад. || Мқс. гамета, оосит.

**СПЕРМАТОРЕ́Я**, [< юн. sperma тухм + theo мешорам, метаровам]. Беихтиёр хориҷ шудани нутфа ҳангоми баъзе бемориҳо, инчунин ҳангоми осеб ёфтани ҳароммағз. || Мқс. поллютсия.

**СПЕ́РМИЙ**, [< юн. sperma тухм]. *биол*. Ҳуҷайраи ҷинсии наринаи растаниҳои олӣ, ки узвҳои ҳаракат надорад.

**СПИД**, [< рус.  – кӯтоҳшудаи синдром приобретенного иммунодефицита]. *тиб*. БПНМ (бемории пайдошудаи норасоии масуният); аломати каммасуниятии муҳассал , ки бо бемориҳои гуногун зоҳир мегардад; барангезандаи С. вируси норасоии масунияти одам (ВНМО) мебошад, ки лейкоситҳои хунро хароб намуда, қобилияти муқовамати организмро ба бемориҳо суст мекунад. || Мқс. ВИЧ.

**СПИДВЕ́Й,** [англ. speedway]. *варз*. Пойгаи мототсиклӣ дар роҳҳои дажғолпӯш, алафпӯш, инчунин дар роҳҳои яхпӯши варзишгоҳ.

**СПИДО́МЕТР**, [< англ. speed суръат + юн. metreo чен мекунам]. *тех*. Суръатсанҷ; асбоб барои чен кардани суръати ҳаракати воситаҳои нақлиёт.

**СПИ́КЕР**, [англ. speaker]. Раиси *парламент* ё яке аз *палатаҳои* он дар баъзе мамлакатҳо.

**СПИН**, [англ. spin]. *физ.* Лаҳзаи хоси механикии миқдори ҳаракати зарраи элементарӣ ё ядрои атом, ки табиати квантӣ дошта, бо ҷойивазкунии зарраҳо дар фазо вобаста нест.

**СПИНАЛӢ,** [лот. spinalis]. *анат.* Мансуб ба сутунмуҳра.

**СПИНЕ́Т,** [ит. spinetta]. Як навъ асбоби мусиқии тории забонакдор. || Мқс. клавесин.

**СПИ́ННИНГ**, [англ. spinning]. **1**. Шасти моҳигирӣ, ки аз таноб, ғарғара ва мулӯҳ иборат аст. **2**. Моҳидорӣ бо чунин шаст.

**СПИНО́Ф**, [англ. spin-off иловагӣ]. *тиҷ.* Молҳои иловагӣ, туфайлӣ; молҳое, ки илова ба молҳои асосӣ истеҳсол карда шудаанд.

**СПИРА́Л (СПИРА́ЛЬ)**, [< лот. spiralis печон]. **1**. *мат.* Хати каҷи ҳамворе, ки гирди ягон нуқтаро ба миқдори беинтиҳо давр мезанад ва ҳар дафъа ба он наздик ё аз он дур шуда меравад; хати печон; хати *винтӣ*. **2**. Умуман ҳар чизи печон, морпеч, мас., С.-и уту.

**СПИРИ́Т**, [< *спиритизм*]. Шахсе, ки бо *спиритизм* машғул аст.

**СПИРИТИ́ЗМ**, [< лот. spiritus рӯҳ]. Ақидаи хурофотӣ дар бораи имконпазир будани робита ва муошират бо рӯҳи мурдагон.

**СПИРИТУАЛИ́ЗМ**, [< лот. spiritualis рӯҳӣ, ғайримоддӣ]. *фалс.* Таълимоти фалсафие, ки рӯҳро нахустасоси воқеият, олами моддиро бошад, офаридаи Худо мешуморад.

**СПИРОМЕ́ТРИЯ**, [< лот. spirare нафас кашидан (баровардан) + *...метрия*]. *тиб.* Усули муайян кардани ҳаҷми шуш бо роҳи чен кардани ҳаҷми ҳавое, ки аз он хориҷ мешавад.

**СПИРТ**, [< лот. spiritus рӯҳ]. **1**. Номи маъмулии спирти *этил* (спирти шароб). **2**. *хим.* Моеи даргиранда, ки аз маҳсулоти крахмалдор ва қанддор (мас., аз гандум, картошка ва ғ.) ҳосил карда мешавад; дар истеҳсоли машрубот, ранг, нахҳои синтетикӣ, пластмасса, дорувор ва ғ. истифода мешавад.

**СПИЧ,** [англ. speech нутқ]. Нӯшбод; сухани кӯтоҳи шодбошӣ. || Мқс. тост.

**СПИЧРАЙТЕР,** [< англ. speech нутқ + to write навиштан]. Маърӯзанависи мансабдори калони давлатӣ.

**СПЛАНХНОЛО́ГИЯ,** [< юн. splanchna узвҳои дарунӣ]. *тиб.* Фасли *анатомия*, ки узвҳои дарунии организмро меомӯзад.

**СПОДУМЕ́Н**, [< юн. spodos хокистар]. *маъд.* Минерал аз гурӯҳи пироксенҳо; рангаш хокистарӣ, зардча, сабзтоб, гулобӣ, баъзан беранг; баъзе намудҳояш (мас., кунсит гидденит) сангҳои қиматбаҳоянд.

**СПОНДИЛЁ́З**, [< юн. spondylos сутунмуҳра]. *тиб.* Бемории музмини сутунмуҳра, ки дар натиҷаи калоншавии тағояки танаи муҳраҳо пайдо шуда, боиси миёндард, *радикулит* ва диг. иллатҳои сутунмуҳра мегардад.

**СПОНДИЛИ́Т**, [< юн. spondylos сутунмуҳра]. *тиб*. Газаки музмини сутунмуҳра, ки бар асари сил ё диг. бемориҳои сироятӣ пайдо мешавад.

**СПОНДИЛОАРТРИ́Т**, [< юн. spondylos сутунмуҳра + *артрит*]. *тиб*. Газаки банду буғумҳои байни муҳраҳо.

**СПО́НСОР**, [< англ. sponsor сарпараст]. Шахс ё ташкилоте, ки ба шахс ё ташкилоти дигар сарпарастӣ мекунад, ёрии молиявӣ мерасонад.

**СПО́РА**, [англ. spora тухм]. *бот*. Ҷанини (муғчаи аввалини) якхуҷайрагии растаниҳои дараҷаи паст ва олӣ, ки барои афзоиши ғайриҷинсӣ ва муҳофизат аз шароити номусоид хизмат мекунад; ба воситаи об, шамол, ҳашарот ва ғ. паҳн мешавад.

**СПОРА́НГИЙ**, [< англ. spora тухм + angeion раг]. *бот*. Узви растанӣ, ки дар он *спора* ташаккул меёбад.

**СПОРОФИ́ЛЛ**, [< англ. spora тухм + phyllon барг]. *бот*. Барги растаниҳои фарншакл, ки дар он *спора* пайдо мешавад.

**СПОРТ**[1], [англ. sport < to disport вақтхушӣ кардан]. Варзиш; маҷмуи машқҳо, бозиҳои варзишӣ барои тарбияи бадан ва беҳдошти саломатӣ.

**СПОРТ**[2], [< англ. sport  намуд]. *бот*. Навдае, ки аз навдаҳои дигари худи ҳамон растанӣ фарқ мекунад.

**СПО́РТИНГ,** [англ. sporting]. *варз*. Тирпарронӣ аз милтиқи шикорӣ ба ҳадафҳои ҳаракаткунанда.

**СПОРТСМЕ́Н**, [< англ. sport  + man одам]. Варзишгар; шахсе, ки бо варзиш мунтазам машғул мешавад.

**СПО́УКСМЕН**, [англ. spokesman < to speak гап задан + man одам]. Намояндаи шахси расмӣ, ки ақидаи ӯро оид ба ин ё он масъала дар байни омма баён мекунад.

**СПРЕЙ**, [англ. spray пош додан]. Атрпошак; асбоб барои пош додани моеот (атр, дору, ранг ва ғ.). || Мқс. пулвелизатор.

**СПРИ́НГЕР,** [англ. springer]. Ҷинси сагҳои шикорӣ.

**СПРИ́НТ**, [англ. sprint]. *варз*. Давидан, шино кардан ё бо *велосипед, конки, лижа* тай намудани масофаи кӯтоҳ.

**СПРИ́НТЕР**, [англ. sprinter]. Варзишгаре, ки бо *спринт* машғул аст.

**СТАБИЛИЗА́ТОР**, [< лот. stabilis устувор]. *тех*. **1**. Тасбитгар; қисми беҳаракат ё ҳаракаткунандаи думи ҳавопаймо, мушак (*ракета*) ва ғ., ки барои устувору ҳамвор парвоз кардани онҳо хизмат мекунад. **2**. Тасбитгар; асбоб барои кам кардани албончхӯрии киштӣ. **3**. Тасбитгар; асбоб барои як зайл нигоҳ доштани шиддат ва қувваи ҷараёни электр. **4**. *хим*. Моддае, ки тобоварии резина, пластмасса, ранг ва

ғ.-ро ба таъсири омилҳои беруна (нури офтоб, гармӣ, намӣ ва м. инҳо) таъмин мекунад.

**СТАБИЛИЗА́ТСИЯ (СТАБИЛИЗА́ЦИЯ)**, [< лот. stabilis устувор]. Тасбит; устуворгардонӣ, пойдоргардонӣ; як хел нигоҳ доштани ин ё он раванд, мас., вазъи иқтисод, нарх, ҳолати бемор ва ғ.

**СТА́ВКА**, [< рус.]. **1**. Қароргоҳи сарфармондеҳи ҳарбӣ, ситод. **2**. Миқдори маош. **3**. Пули қимор.

**СТАГНА́ТСИЯ (СТАГНА́ЦИЯ)**, [< лот. stagnum оби истода]. *иқт*. Таназзул, касодӣ, рукуди иқтисод.

**СТАГФЛЯ́ТСИЯ (СТАГФЛЯ́ЦИЯ)**, [< *стагнатсия* + *инфлятсия*]. *иқт*. Чунин вазъи иқтисодии мамлакат, ки ҳангоми он таназзул якҷоя бо таваррум ҷараён меёбад.

**СТА́ДИЙ**, [юн. stadion]. *таър*. Воҳиди дарозӣ дар баъзе мамлакатҳои аҳди қадим, ки аз 185 то 195 метрро ташкил медод.

**СТАДИО́Н**, [юн. stadion]. Варзишгоҳ; иншооти калони дорои майдони футбол, майдончаҳо барои машқ ва мусобиқаҳои варзишӣ, инчунин нишастгоҳҳо барои мухлисон.

**СТАЖ**, [фр. stage]. Собиқа; муддати фаъолияти шахс дар ягон соҳа.

**СТАКА́Н,** [< рус.]. Истакон; зарфи шишагии бедастаи силиндршакл барои нӯшидани об, шарбат, чой ва ғ.

**СТАККА́ТО**, [ит. staccato]. Овози канда-канда дар сурудхонӣ ё канда-канда навохтани асбоби мусиқӣ; баръакси *легато*.

**СТАНДА́РТ**, [англ. standart]. **1**. Намуна, қолаб, меъёр, амсилаи мол ё маҳсулот, ки барои бо он муқоиса кардани ҳамин гуна мол ё маҳсулоти дигар истифода мешавад. **2**. Ҳуҷҷати меъёрии техникӣ, ки маҷмуи меъёр, қоида ва талаботро нисбати ин ё он чиз муқаррар мекунад.

**СТАНДАРТИЗА́ТСИЯ (СТАНДАРТИЗА́ЦИЯ)**, [< *стандарт*]. Стандартикунонӣ; ба *стандарт* мувофиқ кардани чизе.

**СТА́НСИЯ (СТА́НЦИЯ)**, [лот. statio]. **1**. Таваққуфгоҳ, истгоҳ; пойгоҳ; ҷои таваққуфи нақлиёти роҳи оҳан, нақлиёти автомобилӣ ва ғ. **2**. Марказ; номи баъзе муассисаҳо, корхонаҳо, мас., С.-и телефон, С.-и хунгузаронӣ.

**СТА́ПЕЛ (СТА́ПЕЛЬ)**, [ҳол. stapel]. Майдончаи нишеби бетонӣ барои сохтан, таъмир кардан ва ба об фуровардани киштиҳо.

**СТАРТ**, [англ. start]. **1**. Лаҳзаи оғози мусобиқаи варзишӣ, мас., пойга, инчунин хате, ки пойга аз ҳамон ҷо сар мешавад. **2**. Лаҳзаи ба ҳаво паридани олати парвозкунанда. **3**. *маҷ*. Лаҳзаи оғози ягон кор, амал, раванд.

**СТАРТЁР,** [англ. starter]. **1**. Шахсе, ки бо ягон ишора (мас., бо даст, фуровардани байрақча, паррондани таппонча ва ғ.) аз саршавии мусобиқа хабар медиҳад. **2**. *тех*. Ҷиҳози воситаи нақлиёт, ки бо тоб додани он муҳаррики дарунсӯз ба кор медарояд.

**СТАРШИНА́**, [< рус.]. **1**. Унвони баландтарини хизматчиёни хурди ҳарбӣ дар Россия ва баъзе мамлакатҳои ИДМ. **2**. *маҷ*. Арбоб, пир, оқсаққол.

**СТА́ТИКА**, [юн. statos истода]. **1**. Фасли механика, ки қонунҳои мувозинати ҷисмро меомӯзад. || Мқс. кинетика. **2**. Ҳолати оромӣ дар ягон лаҳзаи муайян.

**СТАТОЛИ́ТҲО**, [< *статика* + юн. lithos санг]. **1**. *зоол*. Ҷисмчаҳои хурди сахт дар бадани баъзе ҳайвонот (буғумпойҳо, муҳрадорон, *моллюскҳо* ва ғ.), ки таркибашон асосан аз оҳак иборат аст; *отолитҳо* низ гӯянд. **2**. *бот*. Доначаҳои хурди крахмал дар қисмҳои нумуъкунандаи растанӣ.

**СТА́ТОР**, [< юн. statos истода, беҳаракат]. Қисми беҳаракати мошин, ки дар даруни он қисми ҳаракаткунанда (*ротор*) чарх мезанад.

**СТА́ТУС**, [< лот. status вазъ, ҳолат]. Мақоми ҳуқуқӣ; вазъи ҳуқуқӣ.

**СТА́ТУС-КВО́**, [лот. status quo]. Вазъияти давраи муайян.

**СТАТУ́Т**, [< лот. statutum муқарраршуда]. **1**. Оиннома; низомнома. **2**. Дар баъзе мамлакатҳо, мас., дар Англия – қонун.

**СТАФИЛОКО́ККҲО**, [< юн. staphyle хӯшаи ангур + kokkos дона]. *тиб*. Бактерияҳои лӯндашакле, ки баъди афзоиш дар як ҷо тӯда-тӯда ҷамъ шуда, хӯшаи ангурро ба хотир меоранд (номашон аз ҳамин ҷост); дар пӯсти одам ва ҳайвонот ба вуҷуд омада, боиси бемориҳои гуногун (пучак, варами маддадор (*абсесс*), *ангина* ва ғ.) мегарданд.

**СТАТСИОНА́Р (СТАЦИОНА́Р)**, [< лот. stationarius беҳаракат]. **1**. Беморхона, бемористон; муассисаи табобатӣ, ки дар он, бар хилофи *амбулатория*, дармонгоҳ (*поликлиника*), беморонро ба муддати муайян нигоҳ дошта, табобат мекунанд. **2**. Ҳама гуна муассиса ё идораи доимо дар як ҷо қарордошта (на муваққатӣ ва сайёр).

**СТЕЙКХО□ЛДЕР,** [англ. stakeholder]. Саҳмиядор; гирандаи фоиз.

**СТЕ́ЛА**, [< юн. stele сутун]. Муҷассама, ҳайкали ёдгорӣ, обида; сутун ё лавҳаи сангини дорои навиштаҷот ё нақш ба хотири касе ё ҳодисае.

**СТЕЛЛА́Ж**, [фр. stellage]. Якчанд рафи болои якдигар гузошташуда барои нигоҳ доштани китобҳо, ҳуҷҷатҳо ва ғ.

**СТЕНД**, [англ. stand]. **1**. Лавҳа, тахтае, ки дар он ҳар гуна ашёро ба намоиш мегузоранд (мас., дар осорхона, намоишгоҳ). **2**. Ҷиҳоз барои озмоиши мошинҳо, таҷҳизот, асбобҳо. **3**. Майдончаи махсус барои тирпаррони аз милтиқ.

**СТЕНОБИО́НТҲО,** [< юн. stenos танг, кам + bios ҳаёт]. *биол*. Организмҳое, ки танҳо дар ягон шароити муайян зиндагӣ карда метавонанд.

**СТЕНОГРА́ММА**, [< юн. stenos танг, ихчам + *...грамма*]. Нутқ, маърӯзаи бо усули *стенография* навишташуда.

**СТЕНОГРА́ФИЯ**, [< юн. stenos танг, ихчам + *...графия*]. Тезнависӣ; зуднависӣ; усули тез навиштани нутқи шифоҳӣ бо ёрии аломатҳои махсус.

**СТЕНО́З**, [< юн. stenosis тангшавӣ]. *тиб*. Тангшавии узвҳои найчашакл (мас., рӯда, раги хун ва ғ.).

**СТЕНОКАРДИ́Я**, [< юн. stenos танг + kardia дил]. *тиб*. Беморин рагҳои дил, ки бо дарди сахт дар мобайн ё тарафи чапи қафаси сина зоҳир мегардад.

**СТЕ́ПЛЕР**, [< англ. staple тангшавӣ]. Асбоб барои бо якдигар часпондани (дӯхтани) варақҳои коғаз бо ёрии симчаҳои махсус.

**СТЕ́РЕО**, [< юн. stereos фазоӣ, ҳаҷмӣ, сахт]. **1**. Овозҳои (тасвирҳои) ба шакли рақамӣ, *аналогӣ* ё ба сигналҳои электрӣ табдилдодашуда, ки ҳангоми шунавондан (намоиш додан) бо ёрии таҷҳизоти махсус дар назари шунаванда (бинанда) табиӣ, ҳақиқӣ, барҷаста ва ҳаҷмдор менамоянд. **2**. Таҷҳизот барои сабт ва шунавондани (нишон додани) чунин овозҳо (тасвирҳо).

**СТЕРЕО**..., [< юн. stereos фазоӣ, ҳаҷмӣ, сахт]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки маънохои зеринро ифода мекунад: 1) ба ҳаҷм, ҷасомат соҳиб будани чизе ё вуҷуд доштани тақсимоти фазоӣ (мас., *стереометрия, стереокино*); 2) қолабӣ ё тағйирнаёбанда будани чизе, мас., *стереотип*.

**СТЕРЕОКИНО́**, [< *стерео...* + *кино*]. Кинофилме, ки бо усули *стерео* (маънои 1) таҳия шудааст.

**СТЕРЕОМЕ́ТРИЯ**, [< *стерео...* + *...метрия*]. Фасли геометрия, ки шаклҳои фазоии ҷисмҳои геометриро меомӯзад (баръакси *планиметрия*, ки шаклҳои дар сатҳ воқеъшударо тадқиқ мекунад).

**СТЕРЕОСКО́П**, [< *стерео...* + *...скоп*]. Асбоби оптикие, ки суратҳоро табиӣ ва барҷаста (ҳаҷмнок) нишон медиҳад.

**СТЕРЕОТИ́П**, [< *стерео...* + *тип*]. **1**. Лавҳаи металлӣ, резинӣ ё пластмассагӣ, ки дар он нусхаи ҳарфҳои дар матбаа чидашуда айнан гузаронда шуда, барои чопи китоб ва маҷаллаю рӯзномаҳои сертеъдод истифода мешавад. **2**. Стереотипи динамикӣ – низоми нисбатан устувори амалҳои шартии рефлектории ҳайвон ва одам. **3**. *маҷ*. Қолаб, намуна, ҳар чизи шахшудамонда, тағйирнаёбанда.

**СТЕРЕОФОНИ́Я**, [< *стерео...* + phone овоз]. Яке аз усулҳои сабт ва шунавондани овоз: шунаванда ҳангоми гӯш кардани овози бо ин усул сабтшуда тасаввур мекунад, ки он гӯё аз якчанд манбаи дар фазо мавҷудбуда пахн мешавад.

**СТЕ́РЛИНГ**, [англ. sterling]. Тангаи нуқрагии Англия дар асрҳои миёна.

**СТЕРО́ИДҲО**, [< юн. stereos фазоӣ, ҳаҷмӣ, сахт]. *хим*. Гурӯҳи моддаҳои органикиие, ки дар табиати зинда (микроорганизмҳо, растаниҳо, ҳайвонот) мавҷуданд; ба С.

стеринҳо, кислотаҳои талха, витаминҳои гурӯҳи D, гормонҳои ҷинсӣ, гормонҳои ғадуди болои гурда ва ғ. дохил мешаванд.

**СТЕТОСКО́П**, [< юн. stethos сина + ...*скоп*]. Асбоб барои гӯш кардани садои узвҳои нафас, шуш, тапиши дил ва ғ. || Мқс. фонендоскоп.

**СТИ́ГМА**, [юн. stigma доғ]. **1**. *таър*. Тамғае, ки дар Юнони Қадим ба тани ғулом ё ҷинояткор зада мешуд. **2**. *зоол*. Сӯрохӣ дар тани ҷонварони буғумпо, ки барои нафаскашӣ хизмат мекунад.

**СТИ́КЕР**, [англ. sticker]. Тамғаи мол. || Мқс. бренд, этикетка.

**СТИЛЕ́Т**, [ит. stiletto]. Ханҷари нӯгтези седама.

**СТИЛИЗА́ТСИЯ (СТИЛИЗА́ЦИЯ)**, [< юн. stylos чӯбчаи хатнависӣ дар Юнони Қадим]. Тақлид ба сабки дигаре, ки ба сифати намуна интихоб карда шудааст.

**СТИЛИ́СТ**, [< *стилизатсия*]. **1**. Адиби хушсабк. **2**. Мутахассисе, ки бо офаридани сабки нав дар мӯд, ороиши мӯй, пардози нохунҳо ва ғ. машғул аст.

**СТИЛИ́СТИКА**, [< *стилизатсия*]. *збш., адш*. Услубшиносӣ, сабкшиносӣ.

**СТИЛО́МЕТР**, [< англ. steel пӯлод + ...*метр*]. Асбоб барои таҳлили миқдории таркиби химиявии пӯлод ва хӯлаҳо.

**СТИЛОСКО́П**, [< англ. steel пӯлод + ...*скоп*]. Асбоб барои таҳлили сифатии таркиби химиявии пӯлод ва хӯлаҳо.

**СТИЛБ (СТИЛЬБ)**, [юн. stilbos дурахшон]. *физ*. Воҳиди равшании сатҳи дурахшон.

**СТИЛЯ́ГА,** [< юн. stylos чӯбчаи хатнависӣ дар Юнони Қадим]. Мӯдпараст; сатанг; шахсе, ки аз рӯи ин ё он услуби муайян ё аз рӯи мӯди охирин либос мепӯшад; дар замони шӯравӣ ба маънои манфӣ истифода мешуд ва шахсеро ифода мекард, ки кӯр-кӯрона ба мӯди Ғарб тақлид менамояд. || Мқс. франт.

**СТИПЕ́НДИЯ,** [< лот. stipendium маош]. Маблағе, ки мунтазам (одатан ҳар моҳ) ба донишҷӯёни мактабҳои олӣ ва миёнаи махсус, инчунин ба *аспирантҳо* дода мешавад.

**СТО́ИК**, [юн. stoikos]. **1**. Пайрави *стоисизм*. **2**. *маҷ*. Шахси пуртоқат, ба душвориҳои зиндагӣ тобовар.

**СТОИСИ́ЗМ (СТОИЦИ́ЗМ)**, [< Stoa – номи айвони сутундор дар Афина, ки он ҷо файласуфи Юнони Қадим Зенон дарс медод]. **1**. *фалс*. Таълимоти фалсафӣ дар Рим ва Юнони Қадим, ки мувофиқи он инсон бояд аз ҳирсу рағбат озод бошад ва бо амри ақлу хирад зиндагӣ кунад. **2**. *маҷ*. Матонат, устуворӣ, тобоварӣ ба душвориҳо.

**СТОМАТИ́Т**, [< юн. stoma (stomatos) даҳон]. *тиб*. Газаки луобпардаи даҳон.

**СТОМАТОЛО́ГИЯ**, [< юн. stoma (stomatos) даҳон + *...логия*]. Фасли тиб, ки бемориҳои даҳону дандон ва ҷоғҳоро меомӯзад.

**СТОН**, [англ. stone]. Воҳиди вазн дар Британияи Кабир, ки ба 14 *фунт* ё ба 6,35 кг баробар аст.

**СТО́ПОР,** [англ. stopper пӯк]. *тех*. Асбоб барои аз ҳаракат боздоштан ё дар ягон ҳолати даркорӣ нигоҳ доштани мошин, таҷҳизот, дастгоҳ.

**СТО́ППЕР**, [англ. stopper пӯк]. *варз*. Ҳимоятгари марказӣ дар бозии футбол. || Мқс. форвард, хавбек.

**СТРАБИ́ЗМ**, [юн. strabismos]. *тиб*. Аҳвалӣ, каҷчашмӣ, олусӣ.

**СТРАЗ**, [фр. strass]. Санги қиматбаҳои қалбакӣ.

**СТРА́ТА**, [англ. strata]. Табақаи ҷамъиятӣ; гурӯҳи одамоне, ки аз рӯи ягон аломати умумии иҷтимоӣ муттаҳид шудаанд.

**СТРАТЕ́Г**, [< юн. strategos сарфармондеҳ]. **1**. Лашкаркаше, ки *стратегияро* хуб медонад. || Мқс. тактик. **2**. *маҷ*. Роҳбари моҳир, дурандеш ва ботаҷриба.

**СТРАТЕГИЯ**, [< юн. stratos лашкар + ago пеш мебарам]. **1**. Санъати ҳарб; илми ҷанг. **2**. *маҷ*. Санъат (усул, равиш)-и амалисозии ин ё он фаъолият. || Мқс. тактика.

**СТРАТИГРА́ФИЯ,** [< лот. stratum қабат + *...графия*]. *геол*. Фасли *геология*, ки ташаккули қабатҳои ҷинсҳои кӯҳӣ, таъсири ҳамдигарии қабатҳо ва синни нисбии онҳоро меомӯзад.

**СТРАТИФИКА́ТСИЯ (СТРАТИФИКА́ЦИЯ)**, [< лот. stratium қабат + facere кардан]. Қабатбандӣ; табақабандӣ; тақсим кардани чизе ба қабатҳо, табақаҳо, мас., С.-и *атмосфера*, С.-и ҷомеа.

**СТРАТОСФЕ́РА**, [< лот. stratium қабат + юн. sphaire кура]. Қабати атмосфераи Замин, ки дар байни *тропосфера* ва *моносфера* ҷойгир шудааст.

**СТРЕСС**, [< англ. stress фишор, шиддат]. Ташаннуҷи рӯҳӣ; зарбаи рӯҳӣ; вокуниши физиологии одам ва ҳайвон ба таъсири омилҳои ногувор (*стрессорҳо*).

**СТРЕССОР,** [< *стресс*]. Омили ногуворе, ки боиси зарбаи рӯҳӣ (*стресс*) мегардад.

**СТРИКТУ́РА,** [< лот. strictura фишурдашавӣ]. *тиб*. Тангшавии узвҳои найчашакли одам ва ҳайвон. || Мқс. спазм, стеноз.

**СТРИ́НГЕР**, [англ. stringer]. Мухбири ғайриштатӣ; журналисти озод, мустақил.

**СТРИПТИ́З**, [англ. strip-tease]. Намоиши эстрадии рақсӣ, ки иҷрокунандаи он (одатан зан) оҳиста-оҳиста либосашро мекашад.

**СТРИХНИ́Н**, [< юн. strichnos чормағзи қайовар]. Як навъ захри қаттол, ки аз растании чормағзи қайовар ҳосил карда мешавад; нитрати С.-ро дар тиб барои ором кардани асабҳо истифода мебаранд.

**СТРОБОСКО́П**, [< юн. strobos гирдбод + ...*скоп*]. Асбобе, ки бо он объекти ҳаракаткунандаро беҳаракат мебинанд.

**СТРО́МА**, [< юн. stroma тиргак]. Поя, такягоҳи асосии узвҳо, бофтаҳо ва ҳуҷайраҳои одам, ҳайвонот ва наботот.

**СТРО́НСИЙ (СТРО́НЦИЙ)**, [англ. stroncium]. Элементи химиявӣ, металли сафеди нуқратоб аз гурӯҳи II системаи даврӣ (Sr).

**СТРУКТУ́РА**, [лот. structura]. **1**. Сохт; таркиб. **2**. Сохтор, муассиса, ташкилот.

**СТРУКТУРАЛИ́ЗМ**, [< *структура* + ...*-изм*]. Равияи тадқиқотӣ дар илмҳои гуманитарӣ, ки дар омӯзиши масъалаҳои забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, этнография, таърих ва ғ. усулҳои сохторӣ (*структурӣ*), амсиласозӣ, унсурҳои *семиотика* ва математикониро истифода мебарад.

**СТРУ́МА**, [< лот. struma ғун шудан]. *тиб*. Газаки ғадудҳои тарашшуҳи дохилӣ, бештар ғадуди сипаршакл.

**СТУДЕ́НТ**, [< лот. studens кӯшо, кӯшанда]. Донишҷӯ; таълимгирандаи мактаби олӣ.

**СТУ́ДИЯ**, [< лот. studium машғулият, омӯзиш]. **1**. Устохонаи рассом, ҳайкалсоз ё суратгир. **2**. Мактабе, ки дар он рассому *актёр* тайёр мекунанд. **3**. Корхонаи филмбардорӣ. **4**. Бинои махсус барои сабти барномаҳои радио ва телевизион.

**СТУЛ**, [ол. stuhl]. Курсии пуштакдор.

**СТЮА́РД,** [< англ. steward мудир]. **1**. Пешхизмат дар киштӣ ё ҳавопаймо. **2**. Мудири хоҷагии калон дар Британияи Кабир.

**СТЮАРДЕ́ССА**, Пешхизматзан дар киштӣ ё ҳавопаймо.

**СУ**, [фр. sou]. **1**. Тангаи қадимии дар аввал тиллоӣ ва баъдтар нуқрагии Фаронса, ки ба 1/20 *лавр* баробар буд. **2**. Тангаи Вйетнам, ки ба 1/100 *донг* баробар аст.

**СУБ...**, [лот. sub]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки маъноҳои зеринро ифода мекунад: 1) дар поён, дар зери чизе воқеъшуда, мас., *субаквалӣ*, *субкортикалӣ*; 2) тобеият, вобастагии амал ё объект аз амал ё объекти дигар, мас., *субординатсия*, субинспектор; 3) хурдтар аз он чизе, ки дар қисми дуюми калима нишон дода шудааст, мас., *субконтинент*; 4) чизе, ки дар назди чизи дар қисми дуюми калима нишондодашуда воқеъ гаштааст, мас., *субтропик*.

**СУБАКВАЛӢ,** [< *суб…* + aqua об]. Зериобӣ.

**СУБАРЕ́НДА,** [< *суб…* + *аренда*]. Ба иҷора додани чизи ба иҷора гирифташуда.

**СУББО́ТНИКҲО,** [< рус. суббота шанбе]. Яке аз мазҳабҳои дини насронӣ, ки ба силки малоканҳо наздик аст; рӯзи шанберо рӯзи ид ва истироҳат ҳисоб мекунанд ва номашон аз ҳамин ҷост.

**СУБВЕ́НСИЯ (СУБВЕ́НЦИЯ),** [< лот. subvenire ба ёрӣ шитофтан]. *мол.* Ёрии молиявии давлат ба мақомоти маҳаллӣ ё ба соҳаҳои алоҳидаи хоҷагӣ. || Мқс. дотатсия, субсидия.

**СУБДОМИНА́НТА**, [< *суб…* + *доминанта*]. *мус.* Дараҷаи чоруми *мажор* ё *минор*.

**СУБКОНТИНЕ́НТ**, [< *суб…* + *континент*]. *геогр.* Қисми васеъ ва аз ҷиҳати географӣ аниқ муайяншудаи *континент*.

**СУБКОРТИКАЛӢ́**, [< *суб…* + cortex қишр]. *анат.* Зерқишрӣ; дар зери қишри мағзи сар ҷойгиршуда.

**СУБЛИМА́ТСИЯ (СУБЛИМА́ЦИЯ),** [< лот. sublimare баланд бардоштан]. *тех.* Ҳангоми гарм кардан об нашуда, якбора ба газ табдил ёфтани моддаи сахт.

**СУБМАРИ́НА**, [< *суб…* + marina баҳрӣ]. Киштии зериобӣ.

**СУБОРДИНА́ТСИЯ (СУБОРДИНА́ЦИЯ)**, [< *суб…* + ordinatio ба тартиб даровардан]. **1**. Мартабот; зинаи мартабот; низоми тобеияти кормандони пастмартаба ба кормандони нисбатан баландмартаба ҳангоми иҷрои фаъолияти хизматӣ. **2**. *физиол.* Таъсири доимии асабияи марказӣ ба асабияи канорӣ, инчунин таъсири шуъбаҳои олии асабияи марказӣ ба шуъбачаҳои он.

**СУБРОГА́ТСИЯ (СУБРОГА́ЦИЯ)**, [< лот. subrogatio иваз кардан]. *ҳуқ.* Ба қонуни куҳна ворид намудани иловаҳои ҷузъӣ.

**СУБСИ́ДИЯ**, [< лот. subsidium ёрӣ]. *мол.* Ёрии молиявӣ ё моддии давлат ба мақомоти маҳаллӣ ё ба ягон шаҳрванд (бештар аз ҳисоби буҷет). || Мқс. дотатсия, субвенсия.

**СУБСТА́НСИЯ (СУБСТА́НЦИЯ)**, [лот. substantia]. **1**. *фалс.* Ҷавҳар; асл; моҳият; нахустасос; воқеияти объективӣ, материя чун нахустасоси тамоми ашё ва ҳодисот. **2.** Чизе, ки худ ба худ вуҷуд дорад ва аз чизе вобаста нест.

**СУБСТРА́Т**, [лот. substratus]. **1**. *фалс.* Асоси ягон чиз, ҳолат, ҳодиса. **2**. *збш.* Забони аҳолии тагҷоӣ, ки онро забони аҳолии омада танг кардааст.

**СУБТИ́ТР**, [< *суб…* + фр. titre навиштаҷот]. Зеркадр; матне, ки вақти намоиши филм дар поёни кадрҳо пайдо мешавад; С. одатан тарҷумаи матни филм ё худи матн барои карҳо мебошад.

**СУБТРО́ПИКҲО**, [< *суб…* + *континент*]. *геогр.* Минтақаҳое, ки аз шимол ва ҷануб бо *тропикҳо* ҳамсарҳад буда, аз ҷиҳати иқлим бо минтақаи тропикӣ (гарм) наздик мебошанд.

**СУБЪЕ́КТ**, [лот. subjectum]. **1**. *фалс.* Инсони дарккунанда, амалкунанда, махлуқе, ки барои олами беруна объекти маърифат аст; зот. **2**. *ҳуқ.* Субъекти ҳуқуқ –

шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ (ташкилот, муассиса, гурӯҳи одамон), ки соҳиби ҳуқуқу уҳдадориҳо мебошад. **3**. Дар илми мантиқ – мавзуи муҳокимаронӣ. **4**. *збш*. Мубтадо; фоил.

**СУБЪЕКТИВИ́ЗМ**, [< *субъект* + ... пасв. -*изм*]. **1**. Муносибати боғаразона нисбати чизе, касе. **2**. *фалс*. Ҷараёни фалсафӣ, ки мавҷудияти олами моддӣ, материалистиро инкор намуда, чунин мешуморад, ки он танҳо дар шуури *субъект* вуҷуд дорад. || Мқс. объективизм.

**СУБЪЕКТИВӢ**, [< *субъект*]. **1**. Боғаразона; ғаразнок; баръакси *объективӣ*, мас., ақидаи С. **2**. Танҳо ба шахси муайяне (ба *субъект*) хосбуда, мас., эҳсосоти С.

**СУВЕРЕ́Н,** [< лот. superus олӣ]. Ҳукмрони олӣ; соҳиби ҳокимияти олӣ (мас., *император, президент*, шоҳ ва ғ.).

**СУГГЕ́СТИЯ**, [< лот. suggestio]. *тиб*. Талқин. || Мқс. гипноз.

**СУГСВА́НГ (ЦУГЦВА́НГ),** [ол. Zugzwang]. *варз*. Дар бозии шоҳмот – зарурати гаште, ки боиси бадшавии вазъият ва бохт мегардад.

**СУД**, [< рус.]. Додгоҳ; маҳкама; муассисаи давлатие, ки ба ҳалли даъвоҳои шаҳрвандон ва мурофиаи парвандаҳои ҷиноятӣ машғул мешавад.

**СУДА́К**, [< рус.]. Суфмоҳӣ.

**СУДЯ́ (СУДЬЯ́)**, [рус. < *суд*]. **1.** Шахси мансабдори мақомоти судӣ, ки парвандаҳои гражданӣ ва ҷиноятиро баррасӣ мекунад. **2.** Довар, ҳакам дар мусобиқаҳои варзишӣ.

**СУИСИ́Д (СУИЦИ́Д)**, [< лот. sui худ + caedere куштан]. Худкушӣ.

**СУИСИДОЛО́ГИЯ (СУИЦИДОЛО́ГИЯ)**, [< лот. sui худ + caedere куштан + ...*логия*]. *тиб*. Фасли *психиатрия*, ки сабабҳо ва роҳҳои пешгирии худкуширо меомӯзад.

**СУЛЕМА́**, [< лот. sublimatum бо табхир ҳосилшуда]. *хим*. *Хлориди* симоб; хокаи сафеди заҳрнок, ки барои *дезинфексия*, гулпартоии матоъ ва ғ. истифода мешавад.

**СУЛФА́Т (СУЛЬФА́Т)**, [< лот. sulphur кибрит, олтингӯгирд]. *хим*. Намаки кислотаи сулфур (кибрит).

**СУЛФИ́Д (СУЛЬФИ́Д)**, [< лот. sulphur кибрит, олтингӯгирд]. *хим*. Пайвасти сулфур (кибрит, олтингӯгирд) бо элементҳои дигар.

**СУЛФИ́Т (СУЛЬФИ́Т)**, [< лот. sulphur кибрит, олтингӯгирд]. *хим*. Намакҳо ва эфирҳои кислотаи сулфур (кибрит).

**СУ́МКА,** [< рус.]. Халта (анбон)-и дастӣ ё сарикитфӣ.

**СУ́ММА**, [лот. summa]. **1**. Ҳосили ҷамъ. **2**. Ҷамъ, ҷамъулҷамъ; миқдори умумии ягон чиз. **3**. Маблағ.

**СУМО́**, [< яп.]. *варз.* Як навъ гӯштини японӣ, ки дар он варзишгарони ниҳоят фарбеҳ қувва меозмоянд.

**СУНА́МИ (ЦУНА́МИ),** [яп.]. Мавҷи азиме, ки дар сатҳи уқёнус дар натиҷаи заминҷунбии сахти зериобӣ пайдо мешавад.

**СУПЕР**…, [< лот. super аз боло, болоӣ, фавқ]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маъноҳои: 1) сифати аъло, фавқул..., бениҳоят зӯр, бақувват, мустаҳкам, мас., суперсемент, *суперэлита*; 2) асосӣ, сар…, мас., *суперарбитр* (сарҳакам); 3) дар болои чизе воқеъшуда, мас., супермуқова (муқоваи тунуки болои муқоваи асосии китоб).

**СУПЕРВА́ЙЗЕР,** [англ. supervisor]. **1**. Созмондиҳанда ва пешбари кор, чорабинӣ, тадқиқот ва ғ. **2**. Корманди хурди ширкатҳои тиҷоратӣ, ки бо ҷалб намудани теъдоди ҳарчи бештари одамон ба паҳн кардани молҳо машғул мебошад.

**СУПЕРВИ́ЗОР**, [англ. supervisor]. *инф.* Барнома ё маҷмуи барномаҳо барои ташкили реҷаи кори бисёрбарномаи компютер.

**СУ́ПЕРИНФЕ́КСИЯ**, [< *супер…* + *инфексия*]. *тиб.*, *байт.* Ба одам ё ҳайвон такроран сироят намудани худи ҳамон микроорганизмҳои бемориовар дар сурати то охир муолиҷа накардани беморӣ.

**СУПЕРМА́РКЕТ**, [англ. supermarket < *супер...* + market бозор]. Фурӯшгоҳи бузург; мағозаи калони сермоле, ки бо усули худхизматрасонӣ кор мекунад.

**СУПЕРМЕ́Н**, [англ. superman < *супер...* + man одам]. Фавқулодам; қаҳрамони китобҳо ва филмҳои детективӣ ё моҷароӣ, ки бениҳоят зӯр, чолок ва мағлубнопазир мебошад.

**СУПЕРФОСФА́Т**, [< *супер...* + *фосфат*]. Нурии фосфорӣ, ки аз *апатит, фосфоритҳо* ва кислотаи сулфур тайёр карда мешавад.

**СУПЕРЭЛИ́ТА**, [< *супер...* + *элита*]. Тухми растаниҳои аълосифат, ки дар муассисаҳои тадқиқоти илмӣ гирифта шудааст.

**СУПИНА́ТОР**, [< лот. supinare чаппа кардан]. *анат.* Мушаки ба боло тобдиҳандаи кафи даст.

**СУ́РДОПЕДАГО́ГИКА**, [< лот. surdus кар + *педагогика*]. Фасли нуқсоншиносӣ (*дефектология*), ки усулҳои таълиму тарбияи кӯдакони дорои нуқсони сомеаро меомӯзад.

**СУРРОГА́Т**, [< лот. surrogatus ивазкунанда]. Ивазкунандае, ки танҳо баъзе хусусиятҳои ашё, маҳсулоти ивазшударо дораду бас.

**СУСПЕ́НЗИЯ**, [лот. suspensia]. Маҳсуле, ки аз зарраҳои сахти дар моеъ ҳалнашуда иборат аст, мас., оби лойолуд.

**СУТЕНЁ́Р**, [< фр. souteneur ҳомӣ, ҳимоятгар]. **1**. Хушдори фоҳишазан, ки аз ҳисоби даромади ӯ зиндагӣ мекунад. || Мкс. алфонс. **2**. Шахсе, ки ба фаъолияти фоҳишаҳо

роҳбарӣ ва миёнаравӣ мекунад, онҳоро зери ҳимояи худ мегирад ва як қисми даромади онҳоро азони худ менамояд.

**СУ́ТРА**, [< санск.]. Рисолаҳои қадимаи ҳиндӣ оид ба фалсафа, ахлоқ, ҳуқуқ, масъалаҳои динӣ, илмӣ ва ғ.

**СУФЛЕ́**, [фр. souffle]. **1**. Маҳсулоти қаннодие, ки аз шир ё қаймоқ, сафедии кафккунондашудаи тухм ва шакар иборат аст. **2**. Шир ё қаймоқи қанддор, ки барои тайёр кардани яхмос истифода мешавад.

**СУФЛЁ́Р**, [фр. souffleur]. Корманди театр, ки ҳангоми намоиш аз паси парда ё аз хоначаи махсус истода, ба артистон суханҳои фаромӯшкардаашонро хотиррасон мекунад.

**СУФРАЖИ́ЗМ**, [англ. sufragism]. Ҳаракати занон дар нимаи дуюми асри 19 – аввали асри 20 барои ба занҳо додани ҳуқуқи овоздиҳӣ дар интихобот. || Мқс. феминизм.

**СУ́ФФИКС**, [< лот. suffixus часпондашуда]. *збш*. Пасванд; ҳиссаи калима, ки баъди реша меояд.

**СФЕН**, [< юн. sphen фона]. *маъд*. Минерал, *силикати калсий* ва *титан*.

**СФЕНОИДИ́Т,** [< юн. sphenoides фонашакл]. *тиб*. Газаки ковокии устухони фонашакли косахонаи сар.

**СФЕНОКЕФА́ЛИЯ СФЕНОТСЕФА́ЛИЯ, (СФЕНОЦЕФА́ЛИЯ)**, [< юн. sphen фона + kephale сар]. *тиб*. Фонасарӣ; сари фонашакл. || Мқс. макрокефалия, микрокефалия.

**СФЕ́РА**, [< юн. sphaira кура]. **1**. Ҳамвории сарбастае, ки ҳамаи нуқтаҳояш аз як нуқта (нуқтаи маркази С.) дар як хел масофа воқеанд. **2**. Доира; соҳа.

**СФЕРО́МЕТР**, [< юн. sphaira кура + ...*метр*]. Асбоб барои чен кардани радиуси каҷии сатҳи курашакл.

**СФЕРОСО́МҲО**, [< юн. sphaira кура + soma тан]. *биол*. Ҳуҷайраҳои ғурӯшашакле, ки дар таркибашон сафеда ва *липидҳо* доранд.

**СФИГМОГРА́ФИЯ**, [< юн. sphygmos тапиши дил + ...*манометр*]. *тиб*. Аз рӯи задани набз муайян кардани фишори хун ва кори дил.

**СФИГМОМАНО́МЕТР**, [< юн. sphygmos тапиши дил + ...*манометр*]. *тиб*. Ниг. *тонометр*.

**СФИНКС**, [юн. sphinx]. **1**. Дар асотири Юнони Қадим – аждаҳои болдор бо тани шеру сару синаи зан; роҳгузаронро фурӯ мебурд, агар онҳо ба ин чистони ӯ ҷавоб дода наметавонистанд: «чист он ки саҳарӣ бо чаҳор пой, нимрӯзӣ – бо ду пой ва бегоҳӣ бо се пой мегардад?»; ба чистони ӯ танҳо Эдип ҷавоб дода тавонист: «одам дар кӯдакӣ, дар синни балоғат ва дар пирӣ»; баъди ин С. худро аз болои шах ба поён партофт. **2**. Абулҳавл; ҳайкали сангини шери хобидаи одамсар дар Миср. **3**.

*маҷ*. Одами пурасрор. **4**. *зоол*. Зоти маймуни фӯкборик, ки пашми дарози ҷигарӣ дорад.

**СФИ́НКТЕР,** [< юн. sphinkter тазйиқдиҳанда]. *анат*. Мушаки ҳалқашакл, ки ҳангоми тазйиқ ёфтани он сӯрохии ягон узв (мас., пешобдон, мақъад ва ғ.) танг мешавад.

**СХЕ́МА**, [< юн. schema намуд, шакл]. Нақша, ангора, тарҳи ягон чиз.

**СХОЛА́СТИКА**, [< юн. scholastikos мактабӣ]. **1**. Ҷараёни фалсафӣ дар асрҳои миёна, ки ба *догмаҳои* дин такя мекард ва дар хизмати фиқҳ буд; бунёди С. аз далелу бурҳонҳои мавҳуми мантиқӣ иборат аст. **2**. Донише, ки ба муҳокимарониҳои муҷаррад ва мавҳум асос ёфта, аз ҳаёт дур аст; илми беамал. || Мқс. догматизм.

**СХО́ЛИЯ**, [юн. scholia]. Тавзеҳот; шарҳ, эзоҳи матн.

**СТСЕНА́РИЙ, СТСЕНА́РИЯ (СЦЕНА́РИЙ, СЦЕНАРИЯ)**, [ит. scenario]. **1**. Филмнома; асари адабӣ, ки дар он амалиёти қаҳрамонон муфассал тасвир гардида, дар асоси он филм ба навор гирифта мешавад. **2**. Рӯихати иҷрокунандагони нақшҳо бо нишон додани тартиб ва вақти ба саҳна баромадани онҳо (дар *театр*). **3**. *маҷ*. Нақшаи пешакӣ тартиб додашудаи иҷрои коре.

**СТСИЕНТИ́ЗМ (СЦИЕНТИ́ЗМ), САЙЕНТИ́ЗМ**, [< лот. scientia дониш, илм]. Ҷаҳонбиние, ки илм ва комёбиҳои онро омили асосии пешрафти таърихӣ ва воситаи ҳал намудани мушкилоти иҷтимоӣ медонад.

**СЪЕЗД**, [< рус]. Анҷуман; ҷамъомади дорои хусусияти сиёсӣ, иҷтимоӣ ё илмии ташкилотҳои калон, намояндагони ягон касбу кор, соҳа ё табақаҳои аҳолӣ.

**СЭ́КОНД-ХЕНД**, [англ. second-hand аз дасти дуюм]. **1**. Мағозаи куҳнафурӯшӣ; мағозае, ки дар он молҳои пештар истифодашударо мефурӯшанд. **2**. Моле, ки аз чунин мағоза харида шудааст.

**СЭНДВИЧ,** [англ. sandwich]. Ниг. *сандвич*.

**СЭР**, [англ. sir]. **1**. Ҷаноб; мурожиати боэҳтиромона ба мард дар Англия ва ИМА. || Мқс. милорд, мистер. **2**. Унвони *баронет* дар Британияи Кабир, ки якҷоя бо ном истифода мешавад.

**СЮЖЕ́Т,** [фр. sujet]. **1**. *адш*. Воқеа ё ҷамъи воқеаҳои ба ҳам алоқадор ва пай дар пай ишкишофёбанда, ки мазмуни асари бадеӣ ё филмро ташкил медиҳанд. **2**. Мавзуи тасвир дар санъати тасвирӣ.

**СЮИ́ТА**, [фр. suite]. *мус*. Асари мусиқие, ки аз якчанд қисми мустақили ғояашон умумӣ иборат аст.

**СЮРПРИ́З**, [фр. surprise]. Тӯҳфа, хабар ё воқеаи ногаҳонии ҳайратовар.

**СЮРРЕАЛИ́ЗМ**, [фр. surrealisme реализми фавқулода]. Равияи *модернистӣ* дар санъати тасвирӣ ва адабиёти асри 20, ки ба ивази *дадаизм* пайдо шудааст; С. воқеияти табииро инкор намуда, манбаи эҷодиётро дар чизҳои аз шуур беруну ғайритабиӣ мебинад.

**СЮРТУ́К**, [фр. surtout]. Камзӯли гиребондор ва дароздомани мардона.

# Т

**ТА́БЕЛ (ТА́БЕЛЬ),** [< лот. tabella тахтача]. **1.** Рӯихат, номгӯй, феҳрист, ҷадвал. **2**. Варақаи баҳисобгирии чизе, мас., варақаи ҳозиру ғоиби коргарон.

**ТАБЛЕ́ТКА,** [фр. tablette]. Ҳабдору; доруи тугмашакл.

**ТАБЛО́**, [< лот. tabula тахта]. Лавҳаи махсусе, ки ҳолати объекти назоратшаванда (мас., мошин, таҷҳизот, дастгоҳ), равандҳои технологӣ, рафти бозиҳои варзишӣ ва ғ.-ро нишон медиҳад.

**ТА́БОР**, [чех. tabor.]. **1**. Ниг. *лагер* (маънои 1). **2**. Гурӯҳи оилаҳои кӯчии лӯлиён.

**ТАБУ́**, [< полинезӣ]. Таҳрим; ҳаром, мамнуъ донистани амале, чизе.

**ТАБУ́Н**, [ол. Tabun]. *хим*. Моддаи беранги заҳрнок, ки системаи асабро аз кор мебарорад.

**ТАБУРЕ́Т, ТАБУРЕ́ТКА**, [фр. tabouret]. Курсӣ; чорпояча. || Мқс. стул.

**ТАВЕ́РНА**, [< лот., ит. taverna кулба]. Майхонаи хурд. || Мқс. бистро, трактир.

**ТАВТОГРА́ММА,** [< юн. tauto худи ҳамон як чиз + ...*грамма*]. *адш*. Шеъре, ки ҳамаи мисраъҳояш бо як ҳарф сар мешаванд.

**ТАВТОЛО́ГИЯ**, [< юн. tauto худи ҳамон як чиз + ...*логия*]. Такроргӯӣ; такрори як фикр, як маъно бо калимаҳои дигар, дар шакли дигар.

**ТАЙМ**, [англ. time]. Давр, пайт; як қисми вақти бозӣ, мас., дар *футбол.*

**ТА́ЙМ-А́УТ,** [англ. time out]. **1**. *варз.* Танаффуси кӯтоҳмуддат дар бозиҳои варзишӣ бо хоҳиши даста ё мураббӣ (*тренер*). **2**. Умуман танаффус дар ягон кор, мас., Т. дар гуфтушуниди сиёсӣ.

**ТА́ЙМЕР**, [англ. timer < time вақт]. *тех.* Асбоби худкор барои муқаррар намудани вақти оғоз ва анҷоми амале, мас., Т.-и мошини ҷомашӯӣ.

**ТА́ЙМ-ЧА́РТЕР**, [англ. time charter]. Шартнома дар бораи иҷора гирифтани киштии тиҷоратӣ ё як қисми он.

**ТАКЕЛА́Ж**, [ҳол. takelage]. Маҷмуи асбобу анҷом (таноб, занҷир, мисрон ва ғ.) барои ҳамлу нақли бор.

**ТА́КСА**[1], [< лот. taxare баҳо додан]. Нархи муқарраршудаи мол ё хизматрасонӣ.

**ТА́КСА**[2], [ол. Dachshund]. Зоти сагҳои паканаи каҷпо ва пахмоқмӯй.

**ТАКСИ́**, [фр. taxi]. Навъи нақлиёти ҷамъиятӣ – мошини сабукрави мусофиркаш ё боркаш, ки ҳаққи кирои он аз рӯи ҳисобкунак (*таксометр*) дода мешавад.

**ТАКСИДЕРМИ́Я**, [< юн. taxis асбоб + derma пӯст]. Хӯсасозӣ; тайёр кардани хӯсаи хайвонот.

**ТАКСО́МЕТР**, [< *такса*[1] + ...*метр*]. Ҳисобкунаки такси; асбобе, ки ҳаққи кирои *таксиро* дар асоси масофаи тайшуда ҳисоб мекунад.

**ТАКСОФО́Н**, [< *такса*[1] + ...*фон*]. Дастгоҳи телефон, ки баъди ба сӯрохи он партофтани танга, *жетон* ё дохил намудани корти пардохт ба кор медарояд; *телефон-автомат* низ гӯянд.

**ТА́КТИКА**, [< юн. taktika санъати сафороии лашкар]. **1**. *ҳарб.* Қисми таркибии санъати ҳарб, ки назарияю амалияи омодасозии лашкар ва усулҳои муҳорибаро дар бар мегирад. || Мқс. стратегия. **2**. *маҷ.* Маҷмуи усулу воситаҳои муборизаи ҷамъиятӣ ва сиёсӣ, тарзу усулҳои расидан ба мақсад.

**ТАЛА́МУС**, [юн. thalamos]. *анат.* Тӯдаи мағзҳо (*ядроҳо*)-и моддаи хокистарранг дар мағзи сар (дӯнгиҳои босира), ки дар он *импулсҳо* аз ҳамаи узвҳои ҳис (ба истисноии ҳисси шомма) ҷамъ мешаванд. || Мқс. гипоталамус.

**ТАЛА́НТ**, [юн. talanton]. *таър.* Калонтарин воҳиди вазн, инчунин воҳиди пул дар олами атиқа (Юнони Қадим, Бобулистон ва ғ.).

**ТАЛАССЕМИ́Я**, [< юн. thalassa баҳр + haima хун]. *тиб.* Камхунии модарзодӣ. || Мқс. анемия.

**ТАЛА́ССОТЕРАПИ́Я**, [< юн. thalassa баҳр + *терапия*]. *тиб.* Баҳрдармонӣ; муолиҷа бо иқлими баҳрӣ ва оббозӣ дар баҳр.

**ТА́ЛЛИЙ**, [< юн. thallos навдаи сабз]. Элементи химиявӣ, металли нарми сафед аз гурӯҳи III системаи даврӣ (Tl).

**ТАЛМУ́Д**, [< яҳ. қад. talmud таълимот]. Китоби муқаддаси яҳудиён – маҷмуи аҳкоми динӣ, ахлоқӣ, ҳуқуқӣ ва маишӣ, ки дар асри 4 то мелод – асри 5 мелодӣ навишта шудааст.

**ТАЛО́Н**, [фр. talon]. **1**. Як навъ ҳуҷҷат, ки барои гирифтани чизе, истифода аз чизе ҳуқуқ медиҳад, мас., Т. барои *бензин*. **2**. Қисми ягон ҳуҷҷат, ки аз он ҷудо карда (бурида) мешавад.

**ТАМАДА́**, [< гурҷ]. Соқӣ; раиси тӯй, зиёфат.

**ТА́МБУР**, [< ит. tambur нақора]. *меъм.* **1**. Дарвозахона; ҷилавхона. **2**. Даҳлезчаи байни ду хона, ду *вагон*. **3**. Пояи гунбаз.

**ТАМПО́Н**, [< фр. tampon пӯк]. Латта, дока ё пахтае, ки барои нигоҳ доштани хун ё кашидани фасод ба захм мегузоранд.

**ТАМПОНА́Ж**, [фр. tamponnage]. *геол.* Қирбандӣ; бо семент, қир ё гил пур кардани холигӣ ва тарқишҳои ҷинсҳои кӯҳӣ.

**ТАМТА́М**, [фр. tam-tam]. Табли чӯбии африқоӣ.

**ТАНАТОЛО́ГИЯ**, [< юн. thanatos марг + *...логия*]. *тиб.* Фасли тиб, ки бо омӯзиши сабабҳои марг, ҷараён ва аломатҳои он, паст кардани азоби бемор пеш аз марг машғул аст.

**ТА́НГЕНС**, [лот. tangens]. *мат.* Яке аз функсияҳои *тригонометрӣ*; ишорааш tg.

**ТА́НГО**, [исп. tango]. Як навъ рақси аргентинӣ, ки бо суръати суст ва қадамҳои лағжишӣ иҷро карда мешавад, инчунин мусиқии ин рақс.

**ТАНДЕ́М**, [англ. tandem]. **1**. *тех.* Дар як хат ё дар як тир паиҳам ҷойгир шудани якчанд қисми мошин, таҷҳизот, мас., *силиндрҳо*, муҳаррикҳо ва ғ. **2**. *Велосипеди* дорои ду зин. **3**. *маҷ.* Дукаса иҷро кардани коре.

**ТАНК[1]**, [< англ. tank чалак]. Мошини зиреҳпӯш ва тасмачархи ҳарбӣ, ки бо тӯпу *пулемётҳо* мусаллаҳ аст; дар замони Ҷангии якуми ҷаҳон англисҳо барои нигоҳ доштани сири ҳарбӣ онро «чалак» меномиданд (номаш аз ҳамин ҷост).

**ТАНК[2]**, [< англ. tank чалак]. Зарфи калони махсус барои нигоҳ доштан ё кашондани моеот.

**ТА́НКЕР,** [англ. tanker]. Киштии дорои *танкҳо*[2] барои кашондани борҳои моеъ.

**ТАНКЕ́ТКА**, [< англ. tank чалак]. **1**. Танкча; *танки* хурди тезгард. **2**. Як навъ шиппаки пошнағафси занона.

**ТАНКОДРО́М**, [< *танк*[1] + *...дром*]. Майдони махсус ҷиҳозонидашуда барои машқи танкронӣ ва озмоиши танкҳо.

**ТАНТА́Л**, [юн. tantalos]. Элементи химиявӣ, металли хокистарранги душворгудоз аз гурӯҳи V системаи даврӣ (Та).

**ТАНТАЛИ́Т**, [< юн. tantalos]. *маъд*. Минерал, оксиди мураккаби *тантал, ниобий, марганетс* ва оҳан; аз Т. тантал ҳосил мекунанд.

**ТАРА́Н**, [юн. taran]. **1**. *таър*. Ғӯлачӯби нӯгаш металлӣ, ки бо он девори қалъаро мешикастанд. **2**. Нӯги тези киштии зиреҳпӯш, ки бо он ба киштии душман зарба мезананд. **3**. *ҳарб*. Ҳамла кардан бо ҳавопаймо, киштӣ, танки худ ба ҳавопаймо, киштӣ, танки душман.

**ТАРЕ́ЛКА**, [ол. Taler]. **1**. Табақча. **2**. Чалап; асбоби мусиқӣ дар шакли ду табақчаи металлӣ, ки ҳангоми ба якдигар задан овоз мебарорад.

**ТАРИ́Ф**, [рус. < ит. tariffa]. Нархи муайяни ягон чиз, кор, хизмат, мас., Т.-и барқ, Т.-и музди кор.

**ТАТУ́, ТАТУА́Ж, ТАТУИРО́ВКА**, [< полинезӣ расм, нақшу нигор]. Расмкашӣ дар бадан бо роҳи сӯзанзанӣ ба пӯст, инчунин расми бо ҳамин усул кашидашуда.

**ТАХИКАРДИ́Я**, [< юн. tachys тез, зуд + kardia дил]. *тиб*. Хафақон; тез-тез задани дил.

**ТАХИ́МЕТР**, [< юн. tachys тез, зуд + *...метр*]. *тех*. Асбоб барои чен кардани суръати ҷараёни об.

**ТАХО́МЕТР**, [< юн. tachys тез, зуд + *...метр*]. *тех*. Асбоб барои чен кардани суръати чархзании ягон чиз, мас., меҳвари дастгоҳ, чархи мошин.

**ТАШИ́ЗМ**, [фр. tachisme < tache доғ]. Яке аз намудҳои *абстраксионизм*; равияе дар санъати тасвирии асри 20, ки пайравони он объектҳоро дар шакли доғҳои рангаи аз *композитсияи* муайян орӣ тасвир мекарданд.

**ТВИ́СТ**, [англ. twist]. Як навъ рақси амрикоӣ, ки ба он тоб додану ҷунбондани миёну ронҳо хос аст; дар солҳои 60-уми асри 20 хеле маъмул шуда буд.

**ТВО́РО́Г**, [< рус.]. Маҳсулоти шириии чаккамонанд, ки аз шири бурида тайёр мекунанд.

**ТЕА́ТР**[1], [< юн. theatron тамошогоҳ, тамошоҷо]. **1**. Намоиши асари драмавӣ дар саҳна. **2**. Биное, ки дар он чунин намоиш барпо мегардад. **3**. *маҷ*. Театри амалиёти ҷангӣ – корзор, размгоҳ; майдони амалиёти ҷангӣ.

**ТЕА́ТР**[2], [< юн. theatron тамошогоҳ, тамошоҷо]. *куҳна*. Театри анатомӣ – ташреҳгоҳ; биное, ки дар он ҷасади мурдаҳоро ташреҳ ва таҳқиқ мекунанд.

**ТЕЗА́УРУС**, [< юн. thesauros махзан]. **1**. *збш*. Луғат, фарҳанги тафсилӣ. **2**. *инф*. Маҷмуи мураттаби маълумот дар бораи ягон соҳа.

**ТЕ́ЗИС**, [< юн. thesis даъво]. **1**. Матни мухтасари рисола, мақола, маърӯза ва ғ. **2**. Ҳама гуна даъво, мулоҳизае, ки онро исбот, ҳимоя ё инкор кардан зарур аст. **3**. *фалс*. Дар фалсафаи Гегел – зинаи аввали инкишофи диалектикӣ.

**ТЕИ́ЗМ**, [< юн. theos худо + пасв. *-изм*]. Таълимоти динию фалсафие, ки худоро вуҷуди мутлақи фавқуттабиӣ, холиқи оламу одам мешуморад. || Мқс. пантеизм.

**...ТЕКА**, [< юн. theke махзан]. Қисми охири калимаҳои мураккаб, ки маҷмуи ягон чиз ва ҷои нигоҳдории онро ифода мекунад, мас. *видеотека, филмотека*.

**ТЕКТО́НИКА,** [< юн. tektonike санъати бинокорӣ]. Фасли *геология*, ки сохт, мароми ҳаракат, тағйирот ва инкишофи ягон қитъаи қишри Замин ва *мантияи* болоии онро меомӯзад.

**ТЕЛЕ...**, [< юн. tele дур]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки ба масофаи дур робита доштанро ифода мекунад, мас., *телескоп, телеграмма*.

**ТЕЛЕВИЗИО́Н**, [< юн. tele дур + visio дидан]. **1**. Ба масофаи дур фиристодан ва қабул кардани тасвири объектҳо ва овози онҳо ба воситаи асбобу таҷҳизоти радиоэлектронӣ, инчунин муассисае, ки бо чунин фаъолият машғул аст. **2**. Муассисае, ки дар он барои намоиш додан барномаҳо таҳия мекунанд.

**ТЕЛЕВИ́ЗОР**, [< *телевизион*]. Олат барои қабул ва дар экран нишон додани барномаҳои телевизонӣ.

**ТЕЛЕГРА́ММА**, [< *теле... + ...грамма*]. Барқия; хабари таъҷилии ба воситаи *телеграф* фиристодашуда.

**ТЕЛЕГРА́Ф**, [< *теле... + ...граф*]. **1**. Маҷмуи асбобу таҷҳизот барои фиристодан ва қабул кардани хабарҳо (барқияҳо) бо роҳи табдил додани ҳарфҳо ба сигналҳои электрӣ (пештар бо ёрии алифбои *Морзе*). **2**. Муассисае, ки дар он *телеграммаҳо* фиристода ё қабул карда мешаванд.

**ТЕЛЕКИНЕ́З**, [< *теле...* + юн. kinesis ҳаракат]. Қобилияти инсон ба ҳаракат додани чизҳои гуногун дар сатҳи сахт ё дар фазо бидуни даст расондан ба онҳо (эҳтимол бо ёрии қувваи ирода, вале имконпазирии Т. илман асоснок нагардидааст).

**ТЕЛЕМЕТРИ́Я**, [< *теле... + ...метрия*]. Андозагирии фосилавӣ; маҷмуи усулу воситаҳои техникӣ барои аз масофаи дур чен кардани бузургиҳои физикӣ.

**ТЕЛЕМЕХА́НИКА**, [< *теле...* + *механика*]. Усули аз масофаи дур идора ва назорат кардан ба кори мошину таҷҳизот ва равандҳои истеҳсолот бо ёрии сигналҳои электрӣ ва радиоӣ.

**ТЕЛЕОЛО́ГИЯ**, [< *теле... + ...логия*]. *фалс*. Азалият; таълимоти динию фалсафие, ки мувофиқи он ашёву ҳодисоти табиат аз азал бо мақсаде ҳодис шудаанд ва ҳама гуна тағйирот (амалҳои одамон, офатҳои табиӣ, воқеаҳои таърихӣ) сабабҳои объективӣ надошта, мувофиқи мақсадҳои муайяннамудаи илоҳӣ рӯй медиҳанд.

**ТЕЛЕПА́ТИЯ**, [< *теле...* + юн. pathos ҳиссиёт]. Ҳодисаи *парапсихологие*, ки ҳоло илман исбот нашудааст – дар масофаи дур истода фиристодани фикру ҳиссиёти худ ё дарк намудани фикру ҳиссиёти дигарон.

**ТЕЛЕСКО́П**, [< *теле...* + *...скоп*]. Асбоби астрономӣ барои мушоҳида намудани ҷирмҳои осмонӣ.

**ТЕЛЕТА́ЙП**, [< *теле...* + юн. typos из, пай]. Дастгоҳи худчопи телеграфӣ, ки ба воситаи он матн ба масофаи дур фиристода ё қабул карда мешавад.

**ТЕЛЕФА́КС**, [< *теле...* + лот. fac simile ман барин кун]. Ниг. *факс*.

**ТЕЛЕФО́Н**, [< *теле...* + *...фон*]. Асбоби *электроакустикӣ* ё *электронӣ* барои табдил додани лаппишҳои электрӣ ба лаппишҳои овозӣ; барои ба масофаи дур интиқол додани нутқи шифоҳӣ, матн, сурат ва ғ. хизмат мекунад; т е л е ф о н и  м о б и л ӣ – телефони дастӣ (кисагӣ, сайёр).

**ТЕЛЕФО́Н-АВТОМА́Т**, [< *теле...* + *автомат*]. Ниг. *таксофон*.

**ТЕЛЕФОНОГРА́ММА**, [< *теле...* + *...грамма*]. Барқияи телефонӣ; матни хабари расмӣ, ки ба воситаи телефон фиристода ё навишта гирифта шудааст.

**ТЕЛЛУ́Р**, [< лот. tellus Замин]. Элементи химиявӣ – моддаи сафеди нуқратоб аз гурӯҳи VI системаи даврӣ, ки дар *металлургия*, истеҳсоли шиша ва нимноқилҳо истифода мешавад.

**ТЕЛЛУ́РИЙ**, [< лот. tellus Замин]. Асбоб барои нишон додани ҳаракати Замин ва сайёраҳо дар гирди Офтоб ва чархзании шаборӯзии Замин дар гирди меҳвари худ.

**ТЕ́НДЕР**, [англ. tender < to tend хизмат кардан; дархост додан]. **1**. *тиҷ.* Озмуни тиҷоратӣ ё савдои музояда, ки шахсони алоҳида ё корхонаю ташкилотҳо барои иштирок кардан дар он пешакӣ дархост медиҳанд. **2**. *Вагони* ба *паровоз* часпидае, ки дар он захираи сӯзишворӣ, масолеҳи молиданӣ ва асбобу анҷоми зарурӣ нигоҳ дошта мешавад. **3**. Як навъ киштичаи бодбондори яксутуна.

**ТЕ́ННИС,** [англ. tennis]. Бозии варзишӣ, ки ҳангоми он ҳарифон дар ду тарафи тӯр истода, бо ёрии *ракетка* тӯбчаро ба майдончаи якдигар мезананд; т е н н и с и  р ӯ и м и з ӣ – ҳамин гуна бозӣ бо тубчаю *ракеткаҳои* хурд дар рӯи мизи аз байнаш тӯркашида; *пинг-понг* низ гӯянд.

**ТЕ́НОР**, [ит. tenore]. **1**. Баландтарин овози мардона. || Мқс. баритон. **2**. Сарояндаи дорои ҳамин гуна овоз. **3**. Як навъ асбоби мусиқии нафасӣ, ки ба ҳайати оркестр дохил мешавад.

**ТЕНТ**, [англ. tent]. Чодар барои муҳофизат аз нурҳои офтоб ва барфу борон.

**ТЕОКРА́ТИЯ,** [< юн. theos худо + kratos ҳокимият]. Шакли давлатдорӣ, ки дар он ҳокимияти сиёсӣ дар дасти рӯҳониён мебошад.

**ТЕОЛО́ГИЯ**, [< юн. theos худо + *...логия*]. Илми илоҳиёт, фиқҳ.

**ТЕОРЕ́МА**, [< юн. theoreo дида мебароям, фикр мекунам]. *мат.* Қазияе, ки дурустии он бо исбот муқаррар мешавад; даъвое, ки ба исбот ниёз дорад ва онро исбот кардан мумкин аст (бар хилофи *аксиома*). || Мқс. постулат.

**ТЕОСО́ФИЯ**, [< юн. theos худо + sophia хирад]. Таълимоти динии ирфонӣ дар бораи имкони ваҳдати Худо бо рӯҳи инсон ва дарки бевоситаи олами ғайб.

**ТЕПЛОХО́Д**, [< рус. тепло гармӣ +ходить гаштан]. Киштие, ки ба воситаи муҳаррики дарунсӯз (*дизел*) ҳаракат мекунад.

**ТЕРАБА́ЙТ**, [< юн. teras аждаҳо + *байт*]. *инф.* Воҳиди ҳаҷми хотираи компютер, ки ба 1024 *гигабайт* баробар аст. || Мқс. гигабайт, мегабайт.

**ТЕРАПЕ́ВТ**, [< юн. therapeutes парастори бемор]. *тиб.* Духтури бемориҳои дарунӣ.

**ТЕРАПИ́Я**, [< юн. therapeia муолиҷа, парасторӣ]. **1**. Фасли тиб, ки бемориҳои дарунӣ ва усулҳои пешгирӣ, ташхис ва табобати онҳоро меомӯзад. **2**. Муолиҷаи бемориҳои дарунӣ.

**ТЕРАТОЛО́ГИЯ**, [< юн. teras зиштандом, аждаҳо + *...логия*]. Фасли тиб, зоология ва ботаника, ки нуқсонҳои инкишофи одам, ҳайвонот ва набототро меомӯзад.

**ТЕ́РБИЙ**, [аз номи деҳаи Иттербю (Шветсия), ки ин маъдан дар он ҷо ёфт шудааст]. Элементи химиявӣ аз оилаи лантаноидҳо (Tb).

**ТЕРИОЛО́ГИЯ**, [< юн. therion ҳайвон + *…логия*]. *зоол.* Фасли зоология, ки ширхӯрҳоро меомӯзад; *маммалиология* низ гӯянд.

**ТЕ́РМИН**, [< юн. terminus ҳудуд]. Истилоҳ.

**ТЕРМИНА́Л**, [англ. terminal]. **1**. *инф.* Қисмҳои фаръии компютер (*монитор, клавиатура,* мушак) барои ворид намудан ва баровардани иттилоот баъди коркард. **2**. Қисми бандар барои нигоҳдории борҳое, ки дар *контейнер* ва халтаҳо ҷой карда шудаанд.

**ТЕРМИНАЛӢ**, [< юн. terminalis охирин]. Охирин, дар охир воқеъшуда, дар зинаи охирин қарордошта, мас., шоҳраги Т., зинаи Т.-и беморӣ.

**ТЕРМИНА́ТОР,** [лот. terminator]. *астр.* Сарҳаде дар қурси Моҳ, сайёра ё радиф, ки нимкураи равшани онро аз нимкураи торики он ҷудо мекунад.

**ТЕРМИНОЛО́ГИЯ**, [< *термин* + *...логия*]. Истилоҳшиносӣ; маҷмуи истилоҳҳои забон.

**ТЕРМИ́СТОР**, [англ. termistor]. *физ., тех.* Асбоби нимноқилие, ки муқовимати электриаш ба ҳарорат вобаста аст.

**ТЕРМИ́ТҲО**, [< юн. therme гармӣ]. *зоол.* Арзамӯракҳо; гурӯҳи ҳашароти минтақаҳои гарм, ки якҷоя (аз садҳо то якчанд млн.) шуда зиндагӣ мекунанд; ба чӯб, пӯст, маҳсулоти хӯрокворӣ зарар мерасонанд.

**ТЕРМО...**, [< юн. therme гармӣ]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки бо ҳарорат, гармӣ робита доштанро ифода мекунад, мас., *термометр, термотерапия.*

**ТЕРМО́ГРАФ,** [< *термо...* + *...граф*]. *тех.* Асбоб барои сабти автоматии ҳарорати ҳаво, об ва ғ.

**ТЕ́РМОДИНА́МИКА**, [< *термо...* + *динамика*]. Фасли физика дар бораи қонуниятҳои ҳаракати гармӣ ва таъсири он ба хосиятҳои ин ё он ҷисм.

**ТЕРМО́МЕТР**, [< *термо...* + *...метр*]. Ҳароратсанҷ.

**ТЕРМОМЕТРИ́Я**, [< *термо...* + *...метрия*]. Фасли физика, ки усулҳои чен кардани ҳароратро меомӯзад.

**ТЕ́РМОС**, [< юн. therme гармӣ]. Зарфе, ки ҳарорати хӯрок ё нӯшокиро муддати дароз як хел нигоҳ медорад (дар урфият – сутка).

**ТЕРМОСТА́Т**, [< юн. therme гармӣ + statos беҳаракат]. Асбоб барои нигоҳ доштани ҳарорати доимӣ (мас., дар яхдон, муҳаррик ва ғ.).

**ТЕРМОСФЕ́РА**, [< *термо...* + *сфера*]. *физ.* Қабати болоии *атмосфера*, ки болотар аз *мезосфера*, яъне дар баландии 80-90 км воқеъ шудааст; ҳарорат дар Т. ба қадри баландшавӣ босуръат афзуда, дар масофаи 200-300 км аз Замин ба 1500° С мерасад.

**ТЕРМОТЕРАПИ́Я**, [< *термо...* + *терапия*]. *тиб.* Гармидармонӣ; муолиҷа бо гармӣ.

**ТЕРМОФИЛӢ**, [< *термо...* + *...фил*]. *биол.* Ҷонварон (растаниҳо)-и термофилӣ – ҷонварону растаниҳое, ки дар иқлими ниҳоят гарм (то 70° С) зиндагӣ карда метавонанд; баръакси *криофилӣ.*

**ТЕ́РМОЭЛЕМЕ́НТ**, [< *термо...* + *элемент*]. *тех.* Ҷиҳози аз ноқилҳо ва нимноқилҳои гуногун сохташуда, ки бо ёрии он гармиро ба энергияи электр табдил додан ё, баръакс, бо ёрии ҷараёни электр хунукӣ ё гармӣ ба вуҷуд овардан мумкин аст.

**ТЕРНАРӢ**, [< лот. ternus сегона]. Сегона, сетогӣ, иборат аз се қисм, мусаллас, мас., аломати Т. (сегона).

**ТЕРПЕНТИ́Н,** [< юн. terebinthinos]. Шираи дарахтони сӯзанбарг, ки дар вақти захмӣ шудани онҳо ҷудо мешавад; аз Т. *скипидар* ва *канифол* ҳосил мекунанд.

**ТЕРПЕ́НҲО,** [< юн. terebinthos]. *хим.* Гурӯҳи пайвастҳои органикӣ, карбогидридҳо, ки аз қатрони дарахтони сӯзанбарг ва баъзе растаниҳои диг. ҳосил карда, дар тиб, атторӣ ва соҳаҳои диг. истифода мебаранд.

**ТЕРПСИХО́РА**, [юн. Terpsichora]. Дар асотири юнониёни қадим – яке аз нӯҳ олиҳа, ҳомии рақс ва сурудҳои умумӣ (*хор*).

**ТЕРРАКО́ТА**, [ит. terra cotta хоки сӯхта]. Гили сӯхтаи сурхранг, ки дар кулолӣ ба кор меравад, инчунин маҳсулоти сафолии аз чунин гил сохташуда.

**ТЕРРЕНКУ́Р**, [ол. Terrainkur]. *тиб.* Муоличаи беморон ба воситаи пиёдагардӣ, инчунин пайроҳаи махсуси ба ҳамин мақсад сохташуда.

**ТЕРРО́Р**, [< лот. terror тарс, даҳшат]. Тарсондани душманони сиёсӣ ё рақибони диг. бо ҷазоҳои ҷисмонӣ (куштор, таркиш, сӯхтор, гаравгонгирӣ ва ғ.), инчунин худи ин ҷазоҳо.

**ТЕРРОРИ́ЗМ**, [< лот. terror тарс, даҳшат + пасв. -*изм*]. Ниг. *террор*.

**ТЕРСЕ́Т (ТЕРЦЕ́Т)**, [< лот. tertius сеюм]. **1**. *мус.* Асари мусиқӣ барои се овоз ё се асбоби мусиқӣ. ‖ Мқс. дуэт, квартет. **2**. *адш.* Мусаллас; шеъре, ки ҳар як банди он аз се мисраъ иборат аст.

**ТЕ́СЛА**, [аз номи ихтироъкори серб Н. Тесла (1856-19430]. *физ.* Воҳиди *индуксияи* магнитӣ.

**ТЕСЛАМЕ́ТР**, [< *тесла* + *...метр*]. *физ.* Тесласанҷ; асбоб барои чен кардани *индуксия* ё шиддати майдони магнитӣ дар муҳити ғайримагнитӣ.

**ТЕСТ**, [англ. test озмоиш, санҷиш]. **1**. Супориши имтиҳонии стандартӣ барои муайян кардани хусусиятҳои физиологию рӯҳӣ, ақлу заковат, ирода, донишу таҷрибаи шахс. **2**. Саволномае, ки ҳангоми гузарондани тадқиқоти сотсиологӣ истифода мешавад. **3**. *инф.* Супориши ҷавобаш (роҳи ҳаллаш) маълум, ки бо он дуруст кор кардани компютер санҷида мешавад. **4**. *тиб.* Таъсиррасонии озмоишӣ ба организм барои муайян кардани хусусиятҳои физиологии он, мас., Т. барои тобоварӣ ба *пенисиллин*.

**ТЕ́СТЕР,** [англ. tester < test озмоиш, санҷиш]. Асбоб барои санҷидани ягон чиз, мас., шиддат ё ҷараёни электр, коршоямии *транзистор* ва ғ.

**ТЕСТИ́КУЛҲО**, [лот. testiculus]. Узвҳои таносули мард.

**ТЕСТОСТЕРО́Н**, [< лот. testiculus]. *биол.* Пайвасти органикии як қатор *стероидҳо*; *гормони* ғадудҳои ҷинсии (тухмдони) мард, ки дар ташаккули узвҳои ҷинсӣ иштирок мекунад. ‖ Мқс. андроген.

**ТЕТАНИ́Я**, [< юн. tetanos рагкашӣ]. *тиб.* Беморие, ки бо ихтилоҷи дарднок зоҳир мегардад; сабабаш – нарасидани калсий дар организм.

**ТЕТ-А-ТЕ́Т**, [< фр. tete-a-tete калла ба калла]. Суҳбат ё гуфтушуниди якка ба якка (бе иштироки шахси сеюм).

**ТЕТРА**..., [< юн. tetra чор]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои «чор», мас., *тетраэдр*.

**ТЕТРАГОНАЛӢ́,** [< *тетра…* + gonia кунҷ]. *геом.* Чоркунҷа.

**ТЕТРАЛО́ГИЯ,** [< *тетра…* + *...логия*]. *адш., мус.* Чор асари як муаллиф, ки дорои ғояи умумӣ мебошанд. ‖ Мқс. трилогия.

**ТЕТРА́ЭДР**, [< *тетра…* + hedra тараф, асос]. *геом.* Чорпаҳлӯ, чорқирра, ки ҳар тарафи он секунҷа аст, мас., аҳром (*пирамида*)-и секунҷа. || Мқс. гексаэдр.

**ТЕФЛО́Н**, [англ. teflon]. Як навъ *полимери* синтетикӣ, ки аз он зарфҳои гуногун тайёр мекунанд; занг намезанад ва таомро намесӯзонад.

**ТЕФТЕ́ЛИ**, [ол. Tefteli]. Як наъ ғелаккабоби котлетмонанд, ки аз гӯшти қима тайёр карда мешавад.

**ТЕ́ХНИКА**, [< юн. techne санъат, маҳорат]. **1**. Маҷмуи воситаҳои фаъолияти инсон, ки барои истеҳсоли молҳо ва расондани хизматҳо хизмат мекунанд. **2**. Маҷмуи малакаю усулҳое, ки барои иҷрои ягон фаъолият заруранд. **3**. Ба маънои васеаш – олоту мошинҳо, дастгоҳҳо, таҷҳизоте, ки меҳнати дастиро осон ё иваз мекунанд.

**ТЕ́ХНИКУМ**, [< юн. techne санъат, маҳорат]. Мактаби миёнаи махсуси техникӣ.

**ТЕХНОГЕННӢ**, [< *техника* + *ген*]. Бо таъсири фаъолияти техникии инсон ва рушди илму техника бавуҷудомада.

**ТЕХНОКРА́ТИЯ**, [< юн. techne санъат, маҳорат + kratos ҳокимият]. **1**. Табақаи зиёиёни техникии баландихтисос (олимон, муҳандисон, *менеҷерҳо*), ки дар идоракунии истеҳсолот ва муайяну амалӣ намудани сиёсати иқтисодии давлат иштирок мекунанд. **2**. Назарияи иҷтимоию иқтисодие, ки мувофиқи он қувваи роҳбарикунандаи ҷомеа зиёиёни техникӣ мебошанд.

**ТЕХНО́ЛОГ**, [< *технология*]. Мутахассиси *технологияи* истеҳсолот.

**ТЕХНОЛО́ГИЯ**, [< *техника* + *...логия*]. Маҷмуи усулу равандҳое, ки дар ягон намуди фаъолият истифода мешаванд, инчунин тавсифи илмии чунин усулҳо.

**ТИАМИ́Н**, [< юн. theion сулфур]. *хим.* Витамини $B_1$, ки барои фаъолияти муътадили системаи асаб зарур аст; дар хамирмояи *пиво*, сабус, картошка вуҷуд дорад.

**ТИК¹**, [фр. tic]. Ғайриихтиёрӣ паридани мушак (бештар мушаки рӯй ва китф) дар натиҷаи ягон бемории асаб.

**ТИК²**, [англ. tick]. Як навъ матои ғафси пахтагӣ ё катонии рах-рах.

**ТИ́МУС,** [лот. thymus]. *физиол.* Ғадуди тарашшуҳи дохилӣ, ки дар ковокии қафаси синаи одам ҷойгир шудааст; дар танзими қадкашӣ, мубодилаи минералҳо ва ташаккули масуният иштирок мекунад.

**ТИНЕ́ЙҶЕР**, [англ. teenager]. Наврас; писар ё духтари аз 13 то 19-сола.

**ТИП**, [юн. typos шакл, намуна]. **1**. Навъ, шакл, амсила, намунаи умумии гурӯҳи ашё ва ҳодисаҳо. **2**. *биол.* Яке аз зинаҳои олӣ дар системабандии ҳайвонот ва наботот. **3**. Гурӯҳи одамон, ки сифату хислатҳои умумии зоҳирӣ ё ботинӣ доранд. **4**. *адш.*, *санъ.* *Образи* умумие, ки сифату хислатҳои гурӯҳи одамон ё тамоми ҷомеаро дар худ акс мекунад. **5**. Шахсе, ки бо ягон хусусияти хоси худ аз дигарон фарқ карда меистад.

**ТИПА́Ж**, [< юн. typos шакл, намуна]. **1**. Маҷмуи сифату аломатҳое, ки дар ягон *тип* (ба маънои 5) мушоҳида карда мешавад. **2**. Гурӯҳи актёроне, ки хислат ва намуди зоҳириашон барои иҷрои ин ё он нақш мувофиқ аст.

**ТИПИЗА́ТСИЯ (ТИПИЗА́ЦИЯ)**, [< *тип*]. **1**. Тайёр кардани маснуот ё ба роҳ мондани равандҳои истеҳсолӣ дар асоси як қатор хусусиятҳои техникие, ки барои маснуоту равандҳои мазкур умумӣ мебошанд. **2**. *адш., санъ*. Типикунонӣ; намунакунонӣ; умумикунонии бадеӣ; ифода намудани ғояҳо ва раванду ҳодисаҳои ҷамъиятӣ бо *образҳои* мушаххаси бадеӣ (*типҳо*); бо як образ инъикос намудани хислатҳои умумии гурӯҳи одамон ё тамоми ҷомеа.

**ТИРА́Ж**, [фр. tirage]. **1**. Бозии *заём, лотерея*. **2**. Адади нашр; теъдод.

**ТИРА́Н**, [юн. tyrannos]. **1**. Ҳокими бераҳм, бедодгар, мустабид. || Мқс. деспот. **2**. *маҷ*. Золим, ситамгар.

**ТИРАНИ́Я**, [юн. tyrannia]. **1**. Ҳукмронии мутлақа; ҳукмроние, ки ба зулму истибдод асос ёфтааст. **2**. Зулм, истибдод, бедодгарӣ.

**ТИРАННОЗА́ВР**, [< *тиран* + *...завр*]. *пал*. Динозаври калони даранда аз гурӯҳи *карнозаврҳо*, ки дар охири давраи табошир зиндагӣ кардааст.

**ТИРЕ́**, [фр. tiret]. Яке аз аломатҳои китобат (–); хатчаи дарози уфуқӣ (дарозтар аз *дефис*), ки барои ҷудо кардани таркибҳои синтаксисӣ хизмат мекунад. || Мқс. дефис.

**ТИРОКСИ́Н**, [< юн. thyreos сипар + oxys тунд]. *физиол*. *Гормони* ғадуди сипаршакл, ки дар таркибаш *йод* дорад.

**ТИТА́Н**[1], [юн. Titan]. **1**. Дар асотири Юнони Қадим – номи яке аз худоҳои азимҷусса, ки қувваи бузурги ҷисмонӣ ва ақлу фаросати баркамол доштааст. **2**. *маҷ*. Шахси соҳибистеъдод, хирадманд ва меҳнатдӯст, ки дар ягон соҳа хизматҳои бузург кардааст; аллома, арбоб. **3**. *астр*. Калонтарин радифи сайёраи Зуҳал (*Сатурн*).

**ТИТА́Н**[2], [юн. Titan]. Элементи химиявӣ – металли сахти нуқратоб аз гурӯҳи IV системаи даврӣ (Ti).

**ТИТА́Н**[3], [юн. Titan]. Як навъ обҷӯшонаки калони барқӣ. || Мқс. бойлер, самовор.

**ТИТР**, [фр. titre]. **1**. Дар таҳлили химиявӣ – шумораи граммҳои модда дар як сантиметри мукааб маҳлул. **2**. Матни эзоҳӣ дар поёни кадри *кинофилм* ё барномаи телевизионӣ. || Мқс. субтитр.

**ТИФЛИ́Т**, [< юн. typhlos кӯр]. *тиб*. Варами кӯррӯда.

**ТИ́ФЛОПЕДАГО́ГИКА**, [< юн. typhlos кӯр + *педагогика*]. Фасли нуқсоншиносӣ (*дефектология*), ки усулҳои таълиму тарбияи кӯдакони нобино ва хирабинро меомӯзад. || Мқс. сурдопедагогика.

**ТОКСЕМИ́Я**, [< юн. toxikon заҳр + haima хун]. *тиб.* Заҳролудшавии организм дар натиҷаи бо хун гардиш хӯрдани заҳрҳои (*токсинҳои*) аз берун воридшуда ё дар худи организм ҳосилшуда.

**ТОКСИКО́З**, [< юн. toxikon заҳр]. *тиб.* Заҳролудшавии умумии организм бо заҳрҳои (*токсинҳои*) дар худи организм пайдошуда (мас., дар вақти ҳомила будан).

**ТОКСИКОЛО́ГИЯ**, [< юн. toxikon заҳр + ...*логия*]. Заҳршиносӣ; фасли тиб, ки ба омӯзиши хусусиятҳои химиявӣ ва физикии заҳрҳо ва таъсири онҳо ба организм, инчунин пайдо намудани роҳҳои муолиҷа ва пешгирии заҳролудшавии организм машғул аст.

**ТОКСИКОМА́НИЯ**, [< юн. toxikon заҳр + ...*мания*]. *тиб.* Як навъ бемории рӯҳӣ – майлу рағбати зиёд ба истеъмоли моддаҳои гуногуни заҳрнок барои кайф ва сархушӣ.

**ТОКСИ́НҲО**, [< юн. toxikon заҳр]. *биол., тиб., хим.* Моддаҳои сафедагии заҳрноке, ки як қатор микроорганизмҳо, инчунин баъзе ҳайвоноту растаниҳо ҳосил мекунанд.

**ТО́К-ШО́У**, [англ. talk-show]. Мусоҳибаи телевизионӣ бо ягон шахси машҳур (сиёсатмадор, ходими ҷамъиятӣ, актёр ва ғ.) одатан дар ҳузури тамошобинон.

**ТОЛ**[1], [кӯтоҳшудаи *тринитротолуол*]. Ниг. *тротил.*

**ТОЛ**[2] **(ТОЛЬ)**, [фр. tole]. Масолеҳи лӯлапечи обногузар, ки бо роҳи ба картони ғафс молидани қатрону рег раг тайёр карда мешавад; асосан барои бомпӯшӣ ва муҳофизат аз намӣ истифода мешавад.

**ТОМАГА́ВК**, [англ. tomahawk]. Табарзин; аслиҳаи ҷангии ҳиндуёни Америкои Шимолӣ, ки ба табари дастадароз шабоҳат дорад.

**ТОМА́Т**, [исп. tomate]. **1**. Ниг. *помидор*. **2**. Хамира (афшура, қиём, шира)-и помидор.

**...ТОМИЯ**, [< юн. tome буриш]. Қисми охири калимаҳои мураккаб ба маънои буридан, чок кардан, ташреҳ, мас., *анатомия*.

**ТОМОГРА́ФИЯ**, [< юн. tomos қисм, қабат]. *тиб.* Усули *рентгенография*, ки бо ёрии он акси қабати соягии (дар чуқурии муайян воқеъбудаи) объекти тадқиқшавандаро гирифтан мумкин аст.

**ТОНЗИЛЛИ́Т**, [< лот. tonsilla бодомак]. *тиб.* Варами бодомакҳои гулӯ.

**ТО́ННА**, [фр. tonne]. Воҳиди вазн, ки ба 1000 кг баробар аст.

**ТОННА́Ж**, [< фр. tonne]. Зарфият ё қобилияти борбардории воситаҳои нақлиёт ба ҳисоби *тонна.*

**ТОНО́МЕТР**, [< юн. tonos шиддат + ...*метр*]. Фишорсанҷ; асбоб барои чен кардани фишори хун.

**ТО́НУС**, [< юн. tonos шиддат]. *физиол.* **1**. Ангезиши марказҳои асаб ва мушакҳо. **2**. Фаъолияти ҳаётии организм.

**ТОП-...**, [< англ. top беҳтарин]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои беҳтарин, олӣ, аълодарача, мас., топ-модел, топ-хит. || Мқс. супер…

**ТОПОГРА́ФИЯ,** [< юн. topos маҳал, ҷой + ...*графия*]. **1**. Фасли *геодезия*, ки бо чен кардани қитъаҳои замин ва ба нақша ё харитаи маҳал даровардани онҳо машғул аст. **2**. Сатҳи маҳал, ҷойгиршавии унсурҳои он нисбати якдигар.

**ТОПОЛО́ГИЯ**, [< юн. topos маҳал, ҷой + ...*логия*]. Фасли математика, ки хусусиятҳои умумии ҷисмҳои (*фигураҳои*) геометриро меомӯзад.

**ТОПО́НИМ**, [< юн. topos маҳал, ҷой + onyma ном]. *збш.* Номи мавзеи географӣ (шаҳр, деҳа, кӯҳ, дарё ва ғ.). || Мқс. антропоним.

**ТОПОНИ́МИКА**, [< юн. topos маҳал, ҷой + onyma ном]. *збш.* Фасли *ономастика*, ки таърихи пайдоиш, инкишоф, тағйирёбӣ ва маънои номҳои географиро (*топонимҳоро*) меомӯзад. || Мқс. антропонимика.

**ТО́РА**, [< яҳ. қад. torah таълимот]. Номи умумии аввалин панҷ китоби Библия ба забони яҳудии қадим ("Панҷкитобаи Мӯсо").

**ТОРАКАЛӢ**, [< юн. thorax сина]. Синагӣ; мансуб ба қафаси сина, мас., ҷарроҳии Т.

**ТОРА́КОПЛА́СТИКА**, [< юн. thorax сина + *пластика*]. *тиб.* Бо роҳи ҷарроҳӣ бурида партофтани якчанд қабурға ҳангоми бемории сил, газаки пардаи шуш ва ғ.

**ТОРА́КОСКОПИ́Я**, [< юн. thorax сина + ...*скопия*]. *тиб.* Яке аз навъҳои *эндоскопия* – муоинаи пардаи шуш бо ёрии асбоби махсуси оптикӣ.

**ТОРА́КОТОМИ́Я**, [< юн. thorax сина + ...*томия*]. *тиб.* Бо роҳи ҷарроҳӣ чок кардани қафаси сина бо мақсади табобати узвҳои даруни сина ва тоза кардани он аз моеоти номатлуб.

**ТО́РАКС**, [< юн. thorax сина]. *анат.* Қафаси сина.

**ТОРБАСА́**, [< якут]. Мӯзаи соқбаланди чармини мардуми Шимол.

**ТОРЕАДО́Р**, [исп. toreador]. Ниг. *тореро*.

**ТОРЕ́РО**, [исп. torero]. Шахсе, ки дар *коррида* бо buққа меҷангад.

**ТО́РИ**, [англ. tory]. **1**. Номи пештараи ҳизби *консервативӣ* дар Британияи Кабир. **2**. Узви ҳамин ҳизб.

**ТО́РИЙ**, [аз номи худои скандинавиҳои қадим Тора]. Элементи химиявии радиоактивӣ, металли сафеди хокистарранг аз оилаи *актиноидҳо* (Th).

**ТО́РМОЗ**, [< юн. tormos шикоф барои мехе, ки даврзании чархро бозмедорад (дар ароба)]. **1**. *тех*. Олат барои суст кардан ё тамоман аз ҳаракат боздоштани мошин, таҷҳизот ва ғ. **2**. *маҷ*. Монеа, халал, омили ақибмонии коре.

**ТОРНА́ДО**, [исп. tornado]. **1**. Номи дар ИМА ва диг. мамлакатҳои Америко маъмулшудаи гирдбод. **2**. Як навъ завраќи варзишии олимпии дукаса.

**ТОРПЕ́ДА**, [лот. torpedo]. Снаряди зериобии худҳаракат ва худидора барои маҳв кардани объектҳои зериобӣ, рӯиобӣ ва соҳилии душман.

**ТОРТ**, [ит. torta]. Маснуоти қаннодие, ки аз маска, тухм, қанд, чормағз ва ғ. тайёр карда мешавад. || Мқс. кекс.

**ТОРФ,** [ол. Torf]. Кандании фоиданок, ки дар ботлохзор аз пӯсиши нопурраи растаниҳо ба вуҷуд меояд; чун сӯзишворӣ, пору ва ғ. истифода мебаранд.

**ТОРШЕ́Р,** [фр. torchere < torche машъал]. Чароғи электрии поядор. || Мқс. бра.

**ТОТАЛИЗА́ТОР**, [фр. totalisateur]. **1**. Дар пойга – ҳисобкунаки механикӣ, ки маблағи ба ҳар як асп ё ҳамаи аспҳо гарав мондашударо нишон медиҳад. **2**. Гаравмонӣ дар пойга. **3**. Ҷое, ки дар он пули гарав мегиранд ва ба касони бурдагӣ пули гаравро медиҳанд.

**ТОТАЛИТАРИ́ЗМ**, [фр. totalitarisme]. Сохти давлатдорӣ, ки дар он мақомоти назоратии давлат ба тамоми ҷанбаҳои ҳаёти ҷомеа дахолат ва ҳукмронӣ мекунанд, зӯроварӣ менамоянд ва амалан ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандонро аз байн мебаранд. || Мқс. авторитаризм.

**ТОТЕ́М**, [англ. totem < ҳинд. Ам.]. **1**. Ҳайвонот, растаниҳо, ашё, ҳодисаҳои табиат, ки қабилаҳои ибтидоӣ онҳоро муқаддас дониста, парастиш мекарданд (мас., гов то имрӯз дар Ҳиндустон ҳайвони муқаддас ба шумор меравад); Т.-ро куштан, хӯрдан, нест кардан мумкин набуд. **2**. Нишон (*герб*) ё парчами қабила, ки дар он Т.-и он тасвир шудааст.

**ТОТЕМИ́ЗМ**, [< *тотем* + пасв. *-изм*]. Шакли қадимтарини дини қабилаҳои ибтидоӣ; пайравони Т. бовар доштанд, ки ҳар як қавм бо ягон *тотем* (ҳайвон, растанӣ ё ҳодисаи табиат) алоқаи фавқуттабиӣ ва хешутаборӣи хунӣ дорад.

**ТРАВМАТОЛО́ГИЯ**, [< юн. trauma ҷароҳат + *...логия*]. *тиб*. Осебшиносӣ; фасли тиб, ки осебу ҷароҳатҳо ва роҳҳои пешгирию муолиҷаи онҳоро меомӯзад.

**ТРАЕКТО́РИЯ**, [< лот. trajectus ҷой иваз кардан]. Хати ҳаракат ё парвози ягон ҷисм, мас., Т.-и тир.

**ТРАКТИ́Р**, [< лот. tractoria даъват]. Майхона, майкада; тарабхонаи на чандон калон, дараҷааш паст.

**ТРА́КТОР**, [англ. tractor]. Мошини худгарди тасмачарх ё дорои чархҳои резинӣ барои кашола кардан ва ба кор даровардани *механизмҳо* (мас., тухмипошак, дорупошак, испор, *присеп* ва ғ.).

**ТРАЛ**, [англ. trawl]. **1**. Тӯри калони халташакли моҳигирӣ. **2**. Асбоб барои ёфтан ва безарар гардондани *минаҳо*. **3**. Асбоб барои тадқиқи қаъри баҳр ва ҳайвоноту набоботи он.

**ТРАМВА́Й,** [англ. tramway < tram вагон + way роҳ]. Нақлиёти шаҳрии иборат аз як ё ду вагон, ки дар болои роҳи оҳан ҳаракат мекунад. || Мқс. метро, поезд.

**ТРАМП**, [< англ. tramp оворагард]. Як навъ киштие, ки ба ҳар тараф (на ба ягон самти муайян чун *лайнер*) бор мекашад.

**ТРАМПЛИ́Н,** [фр. tremplin]. *варз*. Иншооти махсуси чандир ё баландии кӯҳмонанд барои ҷаҳидан ба об ё ҷаҳидан бо *лижа*.

**ТРАНЗИ́СТОР**, [англ. transistor]. *тех*. Асбоби нимноқилӣ барои ғун ва пурқувват кардани лаппишҳои электрӣ.

**ТРАНЗИ́Т**, [< лот. transitus гузаштан]. **1**. Боркашӣ ё мусофиркашӣ аз як мамлакат ба мамлакати диг. ба воситаи роҳҳои мамлакати сеюм, ки дар байни онҳо воқеъ гардидааст. **2**. Ба *стансияҳои* мобайнӣ нафуроварда, кашондани бор ё мусофирон.

**ТРАНС**, [фр. transe]. **1**. Ваҷд; ҳаяҷони сахт. **2**. Беҳушшавӣ ҳангоми *гипноз*. **3**. *тиб*. Бехудшавӣ, ҳарзагӯӣ, рафторҳои ноҷо ҳангоми баъзе бемориҳои рӯҳӣ.

**ТРАНС…,** [лот. trans аз байни…, ба воситаи…]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маъноҳои: 1) гузаштан, убур кардан аз фазое, ки дар қисми дуюми калима зикр шудааст, мас., *трансмиссия*; 2) воқеъ шудан дар тарафи дигари чизе, ки дар қисми дуюми калима зикр шудааст, мас., *трансатлантикӣ*; 3) *хим*. Пешванде, ки ба номи изомерҳои геометрии пайвастҳои органикӣ ҳамроҳ карда мешавад.

**ТРАНСА́КСИЯ (ТРАНСА́КЦИЯ),** [< лот. transactio созишнома]. **1**. *ҳуқ*. Созишнома дар асоси мусолаҳа ва гузаштҳои тарафайн. **2**. Интиқоли пул ҳангоми муомилоти биржавӣ ё бонкӣ.

**ТРАНСАТЛАНТИКӢ**, [< *транс…* + *Атлантика*]. Пасиатлантикӣ; мансуб ба он тарафи уқёнуси Атлантика.

**ТРАНСВЕСТИ́Т**, [англ. transvestite]. *тиб*. **1**. Шахсе, ки бо роҳи ҷарроҳӣ ҷинси худро дигар кардааст. **2**. Шахсе, ки аз пӯшидани либосҳои ҷинси муқобил лаззати шаҳвонӣ мебарад.

**ТРАНСГЕ́НДЕР**, [англ. transgender]. Шахсе, ки ҷинси иҷтимоияш бо ҷинси биологиаш мувофиқат намекунад; *кросс-гендер* низ гӯянд.

**ТРАНСКРИ́ПСИЯ (ТРАНСКРИ́ПЦИЯ)**, [< лот. transcriptio рӯйнавис кардан]. **1**. *збш*. Овонависӣ; овонавишт; бо ёрии аломатҳои махсус аниқ ифода кардани тарзи талаффузи калимаҳо. **2**. *мус*. Ба ягон соз ё овоз мувофиқ кардани оҳанге, ки барои соз ё овози дигар навишта шудааст.

**ТРАНСЛИТЕРА́ТСИЯ (ТРАНСЛИТЕРА́ЦИЯ)**, [< *транс...* + littera ҳарф]. *збш*. Навиштани ҳарфҳои як алифбо, хусусан номҳои одамон, мавзеъҳои географӣ ва ғ. бо ҳарфҳои алифбои дигар.

**ТРАНСЛЯ́ТОР**, [< англ. translator тарҷумон]. *инф.* **1**. Барномаи компютерӣ барои тарҷумаи автоматӣ аз як забони барномасозӣ ба забони дигар. **2**. Таҷҳизоти махсус барои *транслятсия* (маънои 2).

**ТРАНСЛЯ́ТСИЯ (ТРАНСЛЯ́ЦИЯ)**, [< лот. translatio интиқол]. **1**. Намоиши барномаи радиоӣ ё телевизионӣ аз ҷои воқеа (на аз *студия*). **2**. *тех.* Бо ёрии олоту таҷҳизоти махсус қабул кардан, тақвият додан ва дуртар фиристодани мавҷҳои электромагнитӣ дар алоқаи телевизионӣ, радиоӣ, телефонӣ. **3**. *инф.* Тарҷума аз як забони барномасозӣ ба забони дигаре, ки барои *компютер* дастрас аст. **4**. *биол. Синтези* силсилаҳои *полипептидии* сафедаҳо дар ҳуҷайраҳои зинда аз рӯи иттилооти генетикӣ.

**ТРАНСНАТСИОНАЛӢ (ТРАНСНАЦИОНАЛӢ)**, [< *транс...* + натсионалӣ миллӣ]. Трансмиллӣ; аз доираи як миллат, як давлат берунбароянда.

**ТРАНСМИ́ССИЯ**, [< лот. transmissio гузариш]. **1**. *тех.* Маҷмуи олот (навард, тасмаҳои чархгардон ва ғ.), ки энергияи механикии муҳаррикро ба узвҳои кории мошин, дастгоҳ ва ғ. таҳвил мекунанд. **2**. *тех.* Маҷмуи асбобу олот барои ба масофае фиристодан ва тақсим кардани энергияи механикӣ. **3**. *тиб.* Сирояти бемориҳо ба воситаи ҳашарот (бемориҳои трансмиссиявӣ).

**ТРАНСПАРА́НТ**, [< фр transparent шаффоф]. **1**. Мистар; варақи рахдор, ки барои рост навиштани хат ба зери коғаз мегузоранд. **2**. Матои ба чорчӯба кашидашуда, ки дар рӯи он матне навишта ё сурате кашида шудааст; ҳангоми ҷашну намоишҳо дар кӯчаҳо меовезанд ё бардошта мегузаранд. || Мқс. лозунг, плакат.

**ТРАНСПИРА́ТСИЯ (ТРАНСПИРА́ЦИЯ)**, [< *транс...* + spiratio нафас кашидан]. *бот.* Бухоршавии об ба воситаи баргҳо.

**ТРАНСПЛАНТА́Т**, [< *трансплантация*]. *тиб.* Узв ё бофтае, ки ҳангоми *трансплататсия* истифода мешавад. || Мқс. имплантат.

**ТРАНСПЛАНТА́ТСИЯ (ТРАНСПЛАНТА́ЦИЯ)**, [< лот. transplantare кӯчат кардан]. *тиб.* Ба ягон ҷои бадан бурида часпондани бофта ё ягон узви ҳамин организм (*аутотрансплантатсия*), ё аз як организм ба организми дигари ҳамнамуд (*гомотрансплантатсия*) ва ё ба организми намуди дигар (*гетеротрансплантатсия*).

**ТРАНСПОРТЁ́Р**, [< лот. transportare ба ҷои дигар кашондан, бурдан]. Ниг. *конвейер*.

**ТРАНСПОРТИ́Р**, [< лот. transportare ба ҷои дигар кашондан, бурдан]. Зовиясанҷ; асбоби нимдоирашакл, ки ба 180 дараҷа тақсим шудааст; барои чен кардани кунҷҳо хизмат мекунад.

**ТРАНССЕКСУА́Л**, [< *транс...* + sexus ҷинс]. Шахсе, ки бо роҳи ҷарроҳӣ ҷинси худро иваз кардааст. || Мқс. трансвестит (маънои 1).

**ТРАНСУРА́НҲО**, [< *транс...* + *уран*]. *хим.* Элементҳои химиявии радиоактивие, ки дар ҷадвали даврии Менделеев баъди *уран* ҷой гирифтаанд; аксарияти Т. дар табиат вуҷуд надоранд, онҳоро тавассути реаксияи ядроӣ ҳосил мекунанд.

**ТРАНСФЕ́Р**, [англ. transfer]. *варз.* Аз як даста ё *клуб* ба даста ё *клуби* дигар гузаштани варзишгар дар асоси шартнома.

**ТРАНСФЕ́РТ**, [фр. transfert]. **1**. *мол.* Аз як мамлакат ба мамлакати дигар интиқол додани асъори хориҷӣ ё тилло. **2**. *мол.* Аз номи як кас ба номи каси дигар гузарондани коғазҳои қиматноки шахсӣ. **3**. *ҳуқ.* Дар байни давлатҳо иваз карда шудани аҳолӣ (мувофиқи шартномаи байналмилалӣ) ва худ аз худ тағйир ёфтани табаият. **4**. *варз.* Дар асоси шартнома аз як даста ба дастаи дигар гузаштани варзишгар.

**ТРАНСФОРМА́ТОР**[1], [< лот. transformare табдил додан]. Асбоб барои дигар кардани хусусиятҳои энергия ё тағйир додани қимати ягон бузургии физикӣ (мас., шиддати ҷараёни электр).

**ТРАНСФОРМА́ТОР**[2], [< лот. transformare табдил (тағйир) додан]. **1**. Чашмбанд; артисти сирк, ки як чизро ба чизи дигар табдил дода метавонад. **2**. Актёре, ки зуд намуди зоҳирии худро тағйир дода, паиҳам якчанд нақшро бозӣ мекунад.

**ТРАНСФОРМА́ТСИЯ (ТРАНСФОРМА́ЦИЯ)**, [< лот. transformare табдил (тағйир) додан]. **1**. Таносух; дигар кардан, тағйир ёфтани (додани) шакли чизе; табдил ёфтани (додани) чизе ба чизе. **2**. *физ.* Паст ё баланд кардани шиддати ҷараёни электр бо ёрии *тансформатор*.

**ТРАНСФОРМИ́ЗМ**, [< лот. transformare табдил (тағйир) додан]. Таълимот дар бораи тағйирёбии намудҳои ҳайвонот ва наботот; Т. пеш аз таълимоти эволютсионии Ч. Дарвин (*дарвинизм*) ба вуҷуд омада, имтидоди таърихӣ ва тадриҷӣ будани инкишофи табиатро ба назар намегирифт.

**ТРАНСФУ́ЗИЯ**, [лот. transfusio]. *тиб.* Хунгузаронӣ; ба дохили узв ё бадан равон кардани хун.

**ТРАНШ**, [фр. tranche]. *мол.* Як қисми маблағи қисм-қисм додашаванда.

**ТРАНШЕ́Я,** [фр. tranchee]. **1**. Хандақи дарози чуқур барои хобондани лӯлаҳои газ, об ва ғ. **2**. *ҳарб.* Ҳамин гуна хандақ барои амалиёти ҷангӣ (аз тири душман муҳофизат кардани ҷанговарон). **3**. *геол.* Кони кушоди трапетсияшакл.

**ТРАП**, [ҳол. trap]. **1**. Зинапояи киштӣ, ҳавопаймо, чархбол. **2**. Зинапояи зери саҳнаи театр.

**ТРАПЕ́ТСИЯ (ТРАПЕ́ЦИЯ),** [< юн. trapezion мизча]. **1**. *геом.* Чоркунҷаи ду тарафаш мутавозӣ (*паралел*) ва дутарафи дигараш номутавозӣ. **2**. Дар машқҳои варзишӣ ва намоишҳои сирк – олати турникмонанд (ниг. *турник*), ки аз ду тарафаш ба симтаноб баста шудааст; турники овезон.

**ТРАСОЛО́ГИЯ**, [< фр. trace из + *...логия*]. *ҳуқ.* Изшиносӣ; илм дар бораи изҳои ҷиноят.

**ТРА́ТТА**, [ит. tratta]. *мол.* Навъи *вексел* – амри хаттии як шахс ба шахси дигар дар бораи пардохт намудани маблағи муайян ба шахси сеюм.

**ТРА́УРЕЛ**, [англ. trawler]. Киштии баҳрӣ барои шикори моҳӣ бо *трал* (маънои 1).

**ТРАФАРЕ́Т**, [ит. trafaretto]. **1**. Гарда; варақ ё лавҳае, ки дар рӯи он ҷои ҳарфҳо ё ҷои ягон нақш бурида шудааст; ба рӯи он ранг мемоланд ва баъди бардоштани он хат ё нақше ҳосил мешавад. **2**. Хат ё сурати бо ёрии гарда кашидашуда. **3**. *маҷ*. Қолаб (ниг. *шаблон*).

**ТРА́ФИК**, [англ. trafic]. **1**. *инф*. Ҳаракати иттилоот дар системаҳои алоқа. **2**. Додугирифти мол, муомилаи савдо.

**ТРАХЕИ́Т**, [< юн. tracheia нойи нафас + eidos намуд]. *тиб*. Газаки луобпардаи нойи нафас (*трахея*).

**ТРАХЕ́Я**, [юн. tracheia]. *анат*. Нойи нафас; хирной; узви нафаскашии одам ва ҳайвон, ки дар байни ҳалқум ва *бронхҳо* ҷойгир шудааст.

**ТРАХО́МА**, [< юн. trachus дурушт, шахшӯл]. *тиб*. Рамад; бемории сироятии музмини чашм, ки ҳангоми он пардаҳои пайвандкунанда (*конъюнктивҳо*) ва қарния варам карда, дар онҳо доначаҳои хокистарранг (*фолликулҳо*) пайдо мешаванд.

**ТРЕ́ЙДЕР**, [< англ. trader савдо кардан]. *иқт*. **1**. Шахси ҳуқуқӣ ё воқеӣ, ки ҳуқуқ дорад дар биржа аҳдномаҳои тиҷоратӣ бандад. **2.** Агенти (ниг. *агент*) тиҷоратӣ. **3**. Савдогари яклухтфурӯш.

**ТРЕ́ЙЛЕР**, [англ. trailer]. Автомобили присепдор (ниг. *присеп*) барои кашондани борҳои вазнин ва калонҳаҷм.

**ТРЕК**, [англ. track]. **1**. *варз*. Иншооти варзишии дорои роҳи доирашакл барои пойга бо велосипед ва мототсикл. **2**. *физ*. Изи зарраи заряддор дар модда.

**ТРЕЛЯ́Ж (ТРЕЛЬЯ́Ж),** [фр. trellage]. **1**. Оинаи сетабақа, серӯя. **2**. Панҷараи тунук барои часпида баромадани растаниҳои печон.

**ТРЕ́МОР**, [лот. tremor]. Ларзидани дасту пой, сар, паридани милкҳои чашм ҳангоми баъзе бемориҳои асаб, инчунин майзадагӣ. || Мқс. тик.

**ТРЕН**, [< фр. trainer кашола шудан]. Куртаи дарози занона, ки ҳангоми роҳ гаштан доманаш заминро рӯфта меравад. || Мқс. шлейф.

**ТРЕНА́Ж**, [< англ. to train машқ кардан]. Маҷмуи машқҳои варзишӣ.

**ТРЕНАЖЁ́Р**, [< *тренаж*]. Ҷиҳоз барои машқи бадан (*тренаж*).

**ТРЕ́НЕР**, [англ. trainer]. **1**. *варз*. Мураббӣ; мутахассиси ягон намуди варзиш, ки варзишгаронро ба мусобиқа тайёр мекунад. **2**. Муаллим, устод, машқдиҳанда дар ягон соҳаи фаъолият;

**ТРЕ́НИНГ**, [англ. training]. Машқ; дарс; машғулияти махсуси омӯзишӣ дар ягон намуди фаъолият.

**ТРЕСТ**, [< англ. trust бовар, эътимод]. **1**. Яке аз шаклҳои инҳисор (*монополия*) – иттиҳоди иқтисодии корхонаҳо ё ширкатҳо, ки баъди муттаҳид шудан мустақилияти пештараи истеҳсолӣ, тиҷоратӣ ва баъзан ҳуқуқии худро аз даст медиҳанд. **2**. Иттиҳоди корхонаҳое, ки фаъолияти умумӣ дошта, маҳсулоти якхела ё ба ҳам наздик истеҳсол мекунанд, хизматҳои якхела мерасонанд.

**ТРИА́ДА,** [< юн. trias сегона]. **1**. *фалс*. Дар фалсафаи Гегел – сегонагӣ, сезинагии инкишофи диалектикӣ, ки аз *тезис, антитезис* ва *синтез* иборат аст. **2**. *маҷ*. Сегонагии ягон чиз, мас., Т.-и ахлоқ – ҳақиқат, некӣ, адолат.

**ТРИА́С**, [< юн. trias сегона]. *геол*. Давраи аввали *мезозой*, ки тақрибан 45 млн сол давом кардааст; боқимондаҳои ин давра аз се ҷузъ: рег, оҳак ва таҳшинҳои континенталӣ иборат аст ва номаш аз ҳамин ҷост.

**ТРИАТЛО́Н**, [< англ. treeathlon]. *варз*. Сеҳарба; мусобиқа аз рӯи се намуди варзиш (давидвн, шиноварӣ ва велосипедпойга). || Мқс. биатлон.

**ТРИБОМЕ́ТРИЯ**, [< юн. tribo соиш медиҳам, мемолам + *...метрия*]. *физ*. Маҷмуи усулҳои чен кардани қувваи соиш, инчунин муайян кардани тобоварии масолеҳу маснуот ба соиш.

**ТРИБУНА́Л**, [лот. tribunal]. Мақоми фавқулодаи судӣ, ки ҷиноятҳои аз тарафи ҳарбиён содиршударо баррасӣ мекунад.

**ТРИГОНОМЕ́ТРИЯ**, [< юн. trigonon секунҷа + *...метрия*]. Фасли математика, ки таносуби байни тарафҳо ва кунҷҳои секунҷаро меомӯзад.

**ТРИ́ЕР**, [< фр. trieur сара кардан]. Ғаллатозакунак; мошин барои тоза ва сара кардани ғалла.

**ТРИКО́**, [фр. tricot]. Матои нақшдори аз наххои пашмин, нимпашмин ё пахтагӣ бофташуда, инчунин либоси аз ҳамин матоъ дӯхташуда, ки ба бадан часпида меистад.

**ТРИКОЛО́Р**, [фр. tricolore]. Парчами серангаи давлатӣ.

**ТРИКОТА́Ж**, [фр. tricotage]. Матои мошинбофт ва маснуоти аз ҳамин матоъ тайёршуда.

**ТРИ́ЛЛЕР**, [англ. thiriller]. Филм ё китоби бениҳоят, ҷолиб, ҷаззоб, шавқовар, шӯрангез.

**ТРИЛЛИО́Н**, [фр. trillion]. Ҳазор миллиард (ададе, ки бо якто як ва дувоздаҳ сифр ифода мешавад).

**ТРИЛО́ГИЯ**, [< юн. tri се + *...логия*]. *адш., санъ*. Сегона; асари сегона; дар адабиёт, мусиқӣ ё кино – се асари як муаллиф, ки дорои ғояву мавзуи умумӣ, ягона мебошанд. || Мқс. диалогия.

**ТРИМУ́РТИ**, [< санск]. Дар динҳои браҳмания ва ҳиндуия – ваҳдати се худои олӣ: *Браҳма* (худои офаранда), *Вишну* (худои нигаҳбон) ва *Шива* (худои вайронӣ, харобӣ).

**ТРИ́О**, [< лот. tria се]. Асари мусиқӣ барои се асбоби мусиқӣ ё се сароянда. || Мқс. дуэт, квартет.

**ТРИО́Д**, [< юн. tri се]. *физ., тех.* Асбоби электровакуумӣ, ки се *электрод* дорад (*анод*, *катод* ва шабака); чун *генератор* ё қувватдиҳандаи лаппишҳои электрӣ истифода мешавад. || Мқс. диод.

**ТРИОЛЕ́Т**, [< юн. tri се]. *адш.* Мусамман; шакли шеър, ки аз ҳашт мисраъ иборат аст.

**ТРИ́ППЕР**, [< ол. trippen чакидан]. Ниг. *гонорея.*

**ТРИПСИ́Н**, [< юн. thypsis тунукшавӣ]. *хим., физиол. Ферменти* ҳозима, ки ғадуди зери меъда ҷудо мекунад; дар таҷзияи сафедаҳо иштирок менамояд.

**ТРИ́ПТИХ**, [< юн. triptychos дуқабата]. Асари санъати тасвирӣ, ки аз се сурати мазмуну ғояашон ягона иборат аст.

**ТРИ́ТИЙ**, [< юн. tritos сеюм]. *хим., физ.* Изотопи радиоактивии гидроген; дар реаксияҳои термоядроӣ истифода мешавад.

**ТРИТО́Н**, [< юн. tritos сеюм]. **1**. *хим., физ.* Ядрои атоми *тритий*. **2**. *зоол.* Самандар; ҷонвари дубаҳраи думдор аз оилаи сусморҳо; зимистонро дар хушкӣ мегузаронад. **3**. *астр*. Радифи сайёраи Нептун. **4**. Дар асотири Юнони Қадим – худои баҳрҳо, ки бадани одам ва думи моҳӣ дорад (ба ҷои пойҳо).

**ТРИФТО́НГ,** [< юн. tri се + phthongos овоз]. *збш.* Паиҳам омадани се овози садонок дар як ҳиҷо.

**ТРИХИА́З**, [< юн. trichos мӯй]. *тиб.* Нодуруст (ба тарафи чашм) сабзидани мижгонҳо.

**ТРИЭ́ДР**, [< юн. tri се + hedra асос]. *мат.* Се вектори дар як сатҳ нахобида, ки аз як нуқта мебароянд.

**ТРОГЛОБИО́НТҲО**, [< юн. trogle сӯрохӣ, тарқиш + biontos зиндагикунанда]. *зоол.* Ҷонварone, ки дар ғорҳо ва тарқишҳои ҷинсҳои кӯҳӣ зиндагӣ мекунанд.

**ТРОГЛОДИ́Т**, [< юн. trogle сӯрохӣ, тарқиш]. **1**. Одами ибтидоӣ, ки дар ғор зиндагӣ мекард. **2**. *маҷ.* Одами дағал, бетарбия, бефарҳанг.

**ТРОЛЛЕ́Й**, [< англ. to troll давр занондан]. *тех.* Сими дорои ҷараёни электр барои ба ҳаракат даровардани муҳаррикҳои электрӣ.

**ТРОЛЛЕ́ЙБУС**, [англ. trolleybus]. Нақлиёти ҷамъиятии шаҳрӣ, ки бо ёрии ҷараёни электр (*троллей*) ҳаракат мекунад. || Мқс. автобус, трамвай.

**ТРОМБ¹**, [< юн. trombos лахта, судда, лӯнда]. *тиб*. Судда; лахтаи хун, ки дар рагҳои хун ё дар ковокии дил пайдо мешавад.

**ТРОМБ²**, [< юн. tromba карнай]. Гирдбоди харобиовар, ки қутраш аз даҳҳо то садҳо метр мебошад. || Мқс. торнадо.

**ТРОМБИ́Н,** [< *тромб¹*]. *физиол*. *Ферменте*, ки хунро лахта (судда) мекунад.

**ТРОМБО́З**, [< *тромб¹*]. *тиб*. Лахтабандӣ, суддабандии хун дар рагҳои хунгузар ва ковокии дил.

**ТРОМБО́Н**, [< юн. tromba карнай]. Як навъ карнайи мисин, ки овози баланд дорад.

**ТРО́ПИКҲО**, [< юн. tropikos гардишӣ]. Қисми гармтарини кураи Замин, ки дар ду тарафи хати истиво (*экватор*) воқеъ гаштааст.

**ТРОПОСФЕ́РА**, [< юн. tropos гардиш + sphaire кура]. Қабати поёнии *атмосфераи* Замин (то *стратосфера*).

**ТРОС**, [ҳол. tros]. Симтаноб; таноби пӯлодин.

**ТРОТИ́Л,** [ихтисоршудаи тринитротолуол]. Пайвасти органикӣ – маҳсулоти кристаллии сафед ё зардча, ки чун моддаи тарканда истифода мешавад; *тол* низ гӯянд.

**ТРОТУА́Р**, [фр. trottoir]. Роҳи пиёдагарди ду тарафи кӯча.

**ТРУБОПРО́ВОД,** [< рус. труба қубур, ғулба, лӯла + проводить гузарондан]. Хати лӯла; лӯлаҳо (қубурҳо, ғулбаҳо)-и ба ҳам пайвастшуда барои ба масофаи дур равон кардани моддаҳои моеъ, газ, буғ ва ғ.

**ТРУ́ППА**, [фр. troupe]. Ҳайати артистони театр, сирк.

**ТРУСИ́ (ТРУСЫ́),** [рус. < англ. trousere эзор, шим]. Эзорча; эзори кӯтоҳи аз зону боло барои хобидан, оббозӣ, машқҳои варзишӣ ва ғ.

**ТРЮИ́ЗМ**, [англ. truism]. Музахрафот; ҳақиқати ба ҳама маълум, дилбазаншуда.

**ТРЮМ**, [ҳол. truim]. **1**. Таҳхонаи киштӣ, ки дар он борҳои гуногун ё асбобу анҷоми киштӣ нигоҳ дошта мешавад. **2**. Дар театр – ҳуҷраи зери саҳна.

**ТРЮ́ФЕЛ (ТРЮ́ФЕЛЬ)**, [ол. Truffel]. **1**. *бот*. Як навъ занбӯруғи тагихокӣ. **2**. Навъи шоколад, ки шаклан ба чунин занбӯруғ монанд аст.

**ТРЮМО́**, [фр. trumeau]. Оинаи барқади почадор.

**ТУА́З**, [фр. toise]. Воҳиди дарозӣ дар Фаронса, ки ба 1,949 м баробар аст.

**ТУАЛЕ́Т**, [фр. toilette]. **1**. Либос. **2**. Либоспӯшӣ, оро додани худ. **3**. Мизчаи оинадор. **4**. Ҳоҷатхона.

**ТУ́БА**, [ит. tuba]. **1**. Карнайи калони мисин, ки овози паст дорад. || Мқс. тромбон. **2**. Ниг. *тюбик*.

**ТУ́ГРИК**, [муғ.]. Воҳиди пули Муғулистон, ки ба 100 мунгу баробар аст.

**ТУЗ**, [пол. tuz]. **1**. Қартаи калонтарин дар қартабозӣ. **2**. *маҷ*. Шахси бонуфуз, калоншаванда. **3**. Як навъ завраќи дубела.

**ТУ́МБЛЕР**, [англ. tumbler]. *тех*. Асбоби васлу қатъи ҷараёни электр.

**ТУ́НДРА**, [фин. tunturi]. Дашти бегиёҳ ё камгиёҳи минтақаҳои наздиқутбӣ.

**ТУР**, [фр. tour]. **1**. Давр, давра дар рақс, мусобиқаҳои варзишӣ, озмун, гуфтушунид ва ғ. **2**. Саёҳат; сафари туристӣ.

**ТУРА́**, [< лот. turris манора]. *куҳна*. Номи пештараи рух дар шоҳмот.

**ТУРБИ́НА**, [фр. turbine]. *тех*. Муҳаррике, ки энергияи буғ, газ ё обро ба энергияи тири даврзананда табдил медиҳад.

**ТУРБУЛЕНТӢ**, [лот. turbulentus]. Гирбодӣ, гирбодмонанд; бетартибона, мас., ҷараёни Т.-и ҳаво, газ ва ғ.

**ТУРИ́ЗМ,** [фр. tourisme]. Саёҳат бо мақсади тамошо, истироҳат, гирифтани донишу маълумоти нав, обутоб додани бадан.

**ТУРНЕ́**, [фр. tournee]. **1**. Саёҳати туристӣ бо хатсайри сарбаста (ҳалқагӣ). || Мқс. круиз, тур (маънои 2). **2**. Сафари ҳунарии артистон. || Мқс. гастрол.

**ТУРНИ́К**, [< фр. tourner чарх задан]. Олати варзиш – тири металлии ба ду пояи амудӣ қарордошта.

**ТУРНИКЕ́Т**, [< фр. tourner чарх задан]. Пояи чархзананда, ки дар гузаргоҳҳо барои якнафарӣ гузарондани одамон хизмат мекунад.

**ТУРНИ́Р**, [фр. tournoi]. **1**. *таър*. Муҳорибаи баҳодурон (*ритсарҳо*) дар асрҳои миёна. **2**. Мусобиқаи варзишӣ, ки дар он ҳамаи иштироккунандагон бо ҳамдигар як ё дуборӣ қувва меозмоянд. || Мқс. чемпионат.

**ТУФ**, [лот. tufus]. *маъд*. Ҷинси кӯҳии вулқонӣ ё таҳшиние, ки чун масолеҳи сохтмон истифода мешавад.

**ТУ́ФЛИ**, [ол. Tuffel]. Кафш; пойафзоли баландиаш то буҷулаки пой.

**ТУШ**, [ол. Tusch]. Мусиқии мутантани табрикӣ, ки ҳангоми супурдани мукофот ё истиқболи меҳмонон навохта мешавад.

**ТУШЕ́**, [ол. Tusche]. *варз*. **1**. Ба шона хобондани ҳариф дар гӯштин, ки далели мағлубии ӯст. 2. Халондани шамшер ба бадани ҳариф дар шамшербозӣ.

**ТУШ (ТУШЬ),** [ол. Tusche]. Сиёҳии аз обу дуда тайёр кардашуда барои нақшакашӣ, сураткашӣ, ранг кардани мижгонҳо.

**ТЮ́БИК**, [< фр. tube лӯла]. Лӯлачаи металлӣ ё пластикӣ, ки хамираи даруни он бо роҳи фишурдан берун карда мешавад, мас., Т.-и ширеш, дору, хамираи дандошӯӣ.

**ТЮЛ (ТЮЛЬ)**, [< фр. tulle (аз номи шаҳри Тюли Фаронса)]. Тӯр; як навъ матои тӯрии ҳарир ва шаффоф, ки асосан барои тайёр кардани пардаи тиреза истифода мешавад.

**ТЮЛЕ́Н (ТЮЛЕ́НЬ)**, [< рус]. *зоол*. Ҳайвони ширхӯри баҳрӣ аз оилаи белпойҳо.

**ТЮ́ТОР (ТЬЮ́ТОР),** [англ. tutor]. Мураббӣ, роҳбар, роҳнамо дар ягон намуди фаъолият.

# У

**УВЕРТЮ́РА,** [фр. ouverture]. **1.** Сарахбор; дебоча; муқаддимаи мусиқии опера, балет, драма. **2**. Асари мусиқии яккисма барои оркестр.

**УГЛЕВО́Д,** [< рус.]. Ниг. *карбогидрат*.

**УГЛЕВОДОРО́Д**, [< рус.]. Ниг. *карбогидрид.*

**УГЛЕРОД**, [< рус.]. Ниг. *карбон.*

**УЕ́ЗД**, [< рус.]. Воҳиди маъмурии ҳудудӣ дар Россияи тоинқилобӣ, ки то соли 1922 вуҷуд дошт, баъд ба *район* (ноҳия) табдил дода шуд.

**УЗУРПА́ТОР**, [< лот. usurpator истилогар]. Ғосиб; шахсе, ки ғайриқонунӣ соҳиби ҳокимият шудааст ё ҳуқуқи шахси дигареро азони худ кардааст.

**УИК-Э́НД**, [англ. week-end охири ҳафта]. Вақти истироҳат аз рӯзи шанбе то рӯзи душанбе, инчунин сайри саҳро, дамгирию дилхӯшӣ дар ин рӯзҳо.

**УКО́Л,** [< рус. уколоть халондан]. *тиб.* Тазриқ; бо сӯзан фиристодани дору ба бадан; *инъексия* низ гӯянд.

**УЛТИМА́ТУМ (УЛЬТИМА́ТУМ)**, [< лот. ultimus охирин, қатъӣ]. **1**. Дар муносибатҳои байналмилалӣ – талаботи қатъӣ ва таҳдидомези як давлат ба давлати диг., ки дар сурати сари вақт иҷро нашудани он фавран чораҳои ҷазо татбиқ карда мешаванд (мас., қатъ намудани муносибатҳои дипломатӣ, ҷанг ва ғ.). **2**. Умуман –ҳар гуна талаби қатъие, ки бо таҳдид пешниҳод карда мешавад.

**У́ЛТРА (У́ЛЬТРА)**, [< лот. ultra зиёдтар, баландтар, фавқул...]. Намояндаи гурӯҳҳои иртиҷоии ифротӣ ва ростгаро дар баъзе мамлакатҳо.

**У́ЛТРА... (У́ЛЬТРА...)**, [< лот. ultra зиёдтар, баландтар, фавқул...]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои фавқул..., фаро..., аз ҳад зиёд (калон, хурд, баланд, паст ва ғ.), мас., *ултрамикроб.* || Мқс. супер.

**У́ЛТРАБУНА́ФШ (У́ЛЬТРАБУНА́ФШ)**, [< *ултра...* + *бунафш*]. Нурҳои ултрабунафш – нурҳои электромагнитии ба чашм ноаён, ки дарозии мавҷашон аз 10 то 400 нанометр мебошад.

**У́ЛТРАМИКРО́БҲО (У́ЛЬТРАМИКРО́БҲО)**, [< *ултра...* + *микроб*]. Микробҳои хурдтарине, ки бо заррабини одӣ дида намешаванд.

**УНИ...,** [< лот. unus як]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои як…, якка…, мас., *унификатсия.*

**УНИВЕРМА́Г**, [< рус. кӯтоҳшудаи универсальный магазин]. Фурӯшгоҳи калон, ки дар он молҳои гуногуни сермасраф фурӯхта мешаванд. || Мқс. супермаркет.

**УНИВЕРСА́Л**, [< лот. universalis умумӣ]. **1**. Одами ҳамакора, гуногунихтисос. **2**. *астр., геод.* Зовиясанҷ.

**УНИВЕРСА́ЛИЯ**, [< лот. universalis умумӣ]. Дар фалсафаи асримиёнагӣ – мафҳуми умумӣ.

**УНИВЕРСАЛӢ**, [< лот. universalis умумӣ]. Умумӣ, ҳамаи соҳаҳоро фарогиранда, вазифаҳои зиёдеро иҷрокунанда.

**УНИВЕРСИА́ДА,** [ол. Universiade < лот. (univers)alis умумӣ + *олимп(иада)*]. Мусобиқаҳои байналмилалии донишҷӯён дар намудҳои гуногуни варзиш.

**УНИВЕРСИТЕ́Т**, [< лот. universitas ҷамъ, маҷмуъ]. Донишгоҳ; мактаби олие, ки дар соҳаҳои гуногун мутахассис тайёр мекунад.

**У́НИКУМ**, [лот. unicum]. Нодир, беназир, беҳамто, ягона, нотакрор.

**УНИОНИ́ЗМ,** [< лот. unio ягонагӣ + пасв. -*изм*]. Иттифоқхоҳӣ, иттифоқҷӯӣ; кӯшиш ба якшавӣ, муттаҳидшавӣ; баръакси *сепаратизм*.

**УНИСЕ́КС**, [< лот. unio умумӣ, ягонагӣ + sexus ҷинс]. Либосе, ки аломатҳои мардонагӣ ва занонагӣ надорад, яъне ҳам ба мардҳо ва ҳам ба занҳо мувофиқ аст.

**УНИСО́Н**, [< лот. unus як + sonus овоз]. **1**. *мус*. Ҳамзамон садо додани ду ё якчанд овози баландиашон якхела. **2**. *физ*. Баробарии басомадҳои ду манбаи лаппишҳои овозӣ.

**УНИТАРИ́ЗМ**, [< лот. unio ягонагӣ]. Яке аз шаклҳои давлатдорӣ – аз як марказ идора кардани ҳамаи воҳидҳои ҳудудию маъмурӣ.

**УНИТАРӢ**, [< лот. unio ягонагӣ]. Ягона, том, ба қисмҳо ҷудонабуда.

**УНИФИКА́ТСИЯ (УНИФИКА́ЦИЯ),** [< лот. unio ягонагӣ]. Якхела кардан, ба як шакл даровардани чизе, мас. У.-и имло.

**УНИФО́РМА**, [< лот. unus як + forma либос]. Либоси якхелаи кормандони баъзе соҳаҳо, мас., пешхизматҳо, ҳарбиён.

**У́НСИЯ (У́НЦИЯ)**, [< лот. uncia аз дувоздаҳ як қисм]. **1**. Воҳиди вазн, ки ба 29,8 г баробар аст; пештар дар дорусозӣ истифода мешуд. **2**. Номи пулҳои тиллоӣ ва нуқрагии давраи қадим дар баъзе мамлакатҳои Аврупо ва Америкои Лотинӣ.

**У́НТЕР-ОФИТСЕ́Р (У́НТЕР-ОФИЦЕ́Р)**, [ол. Unterofizier]. Рутбаи афсари хурд дар баъзе мамлакатҳо, инчунин шахсе, ки чунин рутба дорад. || Мқс. капрал.

**УОТЕРБО́РДИНГ**, [англ. waterboarding]. Навъи варзиши обӣ – дар рӯи тахтаи махсус истода, таноби ба ақиби завраќи тезгард басташударо дошта, иҷро намудани ҳар гуна машқҳои *акробатӣ* дар рӯи об. || Мқс. сёрфинг.

**УРА́Н**, [< юн. uranos осмон]. **1**. Дар асотири Юнони Қадим – худои осмон. **2**. *астр*. Ҳафтумин сайёраи Системаи офтобӣ. **3**. Элементи химиявии радиоактив (U), металли сафеди нукратоб.

**УРА́НИЯ**, [< юн. uranos осмон]. Дар асотири юнониёни қадим – яке аз 9 олиҳа, духтари Зевс ва Мнемосина, ҳомии *астрономия*; яке аз номҳои *Афродита*. || Мқс. Евтерпа, Каллиопа.

**УРБАНИЗА́ТСИЯ (УРБАНИЗА́ЦИЯ)**, [< лот. urbanos шаҳрӣ]. Шаҳришавӣ; баланд шудани мақоми шаҳрҳо дар мамлакат, дар шаҳрҳо ҷой гирифтани муассисаҳои

илмию фарҳангӣ ва корхонаҳои саноатӣ, шаҳрнишин гардидани шумораи торафт бештари аҳолӣ, пайдошавии шаҳрҳои азим (*мегаполисҳо*).

**УРБАНИ́ЗМ**, [< урба(низатсия) + пасв. -*изм*]. *адш., санъ*. Тасвири ҳаёти шаҳр дар адабиёт ва санъат.

**УРЕМИ́Я**, [< юн. uron пешоб + haima хун]. *тиб*. Худзаҳролудшавии организм дар натиҷаи дуруст кор накардани гурда, дар хун ҷамъ шудани дурдаи пешоб ва диг. моддаҳои азотдор.

**УРЕТА́НҲО**, [< юн. uron пешоб]. *хим*. Гурӯҳи пайвастҳои органикӣ, эфирҳои кислотаи карбамин, ки дар тиб ва кишоварзӣ барои *синтези* моддаҳои органикӣ истифода мешаванд.

**УРЕ́ТРА**, [юн. urethre]. *анат*. Пешоброҳа.

**УРЕТРИ́Т**, [< юн. urethre]. *тиб*. Газаки пешоброҳа.

**УРО...**, [< юн. uron пешоб]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки бо пешоб, пешобдон, пешоброҳа, гурда ва узвҳои таносул робита доштанро ифода мекунад, мас., *урология*.

**УРОГРА́ФИЯ**, [< юн. uron пешоб + ...*графия*]. Тадқиқи *рентгенографии* гурда ва роҳҳои пешоб.

**УРОЛО́ГИЯ**, [< уро... + ...*логия*]. Фасли тиб, ки бемориҳои узвҳои пешоб ва таносул, инчунин роҳҳои муолиҷа ва пешгирии онҳоро меомӯзад.

**УСИЛИ́ТЕЛ (УСИЛИ́ТЕЛЬ)**, [< рус. усилить пурқувват кардан]. *тех., физ*. Қувватфизо; асбоб барои пурқувват кардани ҷараёни қувваи электр, садо ва ғ.

**УТИ́Л (УТИ́ЛЬ)**, [< лот. utilis фоиданок]. Партов; чизҳои кӯҳна ва корношояме, ки онҳоро дубора чун ашёи хом истифода бурдан мумкин аст.

**УТИЛИЗА́ТСИЯ (УТИЛИЗА́ЦИЯ)**, [< лот. utilis фоиданок]. Истифодаи дубораи партовҳо чун ашёи хом.

**УТИЛИТАРИ́ЗМ**, [< лот. utilis фоиданок + пасв. -*изм*]. **1**. фалс. Таълимоти фалсафию ахлоқие, ки "нафъ"-ро асоси ахлоқ ва меъёри рафтору кирдори инсон мешуморад. **2**. *маҷ*. Манфиатпарастӣ, фоидаҷӯӣ, ҳарисӣ.

**УТОПИ́ЗМ**, [< *утопия* + пасв. -*изм*]. Назария ва ақидаҳои хаёлӣ, иҷронашаванда.

**УТО́ПИЯ**, [< юн. u нест + topos ҷой]. **1**. Тасвири сохти ҷамъиятии идеалие, ки асоси илмӣ ва воқеӣ надорад. **2**. *маҷ*. Хаёли хом, пуч; орзуи иҷронашаванда.

**УФОЛО́ГИЯ**, [< UFO – кӯтоҳшудаи unknown flying objecta tilis объекти ношиноси паррон + ...*логия*]. Соҳаи дониш, ки бо омӯзиши объектҳои ношиноси паррон (ба истилоҳ – лаълиҳои (табақҳои) паррон) ва ҳодисаҳои бо онҳо алоқаманд машғул аст.

**УШЎ**, [хит.]. Санъати анъанавии ҷангии хитоӣ, ки барои ба камол расондани шахсият равона гардидааст; аз машқҳои ҷисмонӣ, ҷанги тан ба тан бо силоҳ ва бе силоҳ, *медитатсия* (ниг. медитатсия) иборат аст.

# Ф

**ФА́БРИКА,** [< лот. fabrica устохона]. Корхонаи саноатӣ, ки маснуоти саноати сабук ва хӯрокворӣ истеҳсол мекунад. || Мқс. завод, комбинат.

**ФАБРИКА́НТ,** [< *фабрика*]. Соҳиби *фабрика*.

**ФАБРИКА́Т,** [< *фабрика*]. Маснуоти тайёри фабрикӣ.

**ФАБРИКА́ТСИЯ (ФАБРИКА́ЦИЯ)**, [< лот. fabricatio тайёр (истеҳсол) кардан]. **1**. Истеҳсоли мол дар *фабрика*. **2**. Ба миқдори зиёд истеҳсол кардани маҳсулоти пастсифат. **3**. *маҷ*. Сохтакорӣ; айбдоркунӣ ва туҳматҳои бардурӯғ бо роҳи таҳрифи далелҳо.

**ФА́БУЛА**, [< лот. fabula қисса]. *адш*. Мундариҷаи асари бадеӣ; нақли аз ҷиҳати мантиқӣ пайдарҳами ягон воқеа. || Мқс. сюжет.

**ФАВОРИ́Т,** [< лот. favor илтифот, ҳусни таваҷҷӯҳ]. **1**. Одами писандида, қарину маҳбуби шахси олимартаба, ки аз ҳимояю сарпарастии ӯ манфиат мебардорад. || Мқс. протеже. **2**. Маҳбуби малика. **3**. Дар варзиш – варзишгаре, ки, ба фикри бисёриҳо, бояд ҷои якумро гирад.

**ФАГ**, [< лот. phagos хӯранда]. *мкб*. Вируси бактерияхӯр.

**...ФАГ**, [< лот. phagos хӯранда]. Қисми охири калимаҳои мураккаб, ки аз рӯи маъно ба калимаҳои «хӯранда», «...хӯр» наздик аст, мас., *бактериофаг*.

**ФА́ГОТЕРАПИ́Я,** [< *фаг* + *терапия*]. *тиб*. Табобати баъзе бемориҳои сироятӣ бо *бактериофагҳо*.

**ФА́ЗА**, [< лот. phasis пайдошавӣ]. **1**. Давра, марҳала, мас., Ф-и инкишоф. **2**. *астр*. Лаҳзаи муайян дар ҳодисаи давра ба давра такрорёбандаи астрономӣ, мас., Ф.-и Моҳ. **3**. *физ*. Ҳолати модда, ҷисм, мас., Ф-и сахти модда. **4**. *физ., тех*. Гурӯҳи алоҳидаи печаҳои *генератор*.

**ФАЗЕ́НДА**, [порт. fazenda]. **1**. Замини калон, мулк дар Бразилия. || Мқс. ранчо. **2**. Ниг. *дача*.

**ФАЙЛ**, [англ. file]. Ҳуҷҷате, ки дар хотираи компютер бо номи алоҳида (инфиродӣ) нигоҳ дошта мешавад.

**ФА́ЙФ-О-КЛО́К,** [англ. five-o clock]. Чойнӯшии байни *ленч* ва нисфирӯзӣ; дар мамлакатҳои англисизабон маъмул аст.

**ФАКС**, [англ. fax]. **1**. Интиқоли электронии иттилооти графикӣ. **2**. Олате, ки чунин иттилоотро қабул мекунад ва мефиристад; *телефакс* низ гӯянд. **3**. Хабаре, ки бо ёрии чунин олат фиристода ё қабул карда шудааст. || Мқс. телеграмма, телефонограмма.

**ФАКСИ́МИЛЕ,** [< лот. fac simile айнан ҳамин тавр кун]. **1**. Айнан нусхабардорӣ кардани матн ё сурат бо даст ё бо роҳи суратгирӣ, ҳаккокӣ ва ғ. **2**. Муҳри имзо; муҳре, ки дар он имзои шахс кашида шудааст; одатан ба роҳбарон барои имзо кардани миқдори зиёди ҳуҷҷатҳои на чандон муҳим, мас., даъватномаҳо, табрикномаҳо ва ғ. даркор аст.

**ФАКТ**, [< лот. factum иҷрошуда, рӯйдода]. **1**. Амри воқеъ; амали дар ҳақиқат иҷрошуда; ҳодиса, ҳолати дар ҳақиқат рӯйдода. **2**. Далел.

**ФАКТУ́РА,** [< лот. factura коркард]. **1**. Дар санъати тасвирӣ – тарзу усулҳои коркарди сатҳи маводу масолеҳи истифодашаванда, мас., суфта кардан, ранг молидан ва ғ. **2**. Номгӯи молҳо ва маълумоти муфассал дар бораи онҳо.

**ФАКУЛТАТИ́В (ФАКУЛЬТАТИ́В)**, [< лот. facultatis қобилият, имконият]. Дарс ё машғулияти иловагӣ, ихтиёрӣ, шартнабуда.

**ФАКУЛТЕ́Т (ФАКУЛЬТЕ́Т)**, [< лот. facultatis қобилият, имконият]. Факулта; шуъбаи мактаби олӣ, ки дар он мутахассисони ягон соҳаи муайян тайёр карда мешаванд.

**ФАЛА́НГА**, [< юн. phalangos]. **1**. *таър*. Сафи зич ва чандинқатораи сарбозони мусаллаҳ дар Юнони Қадим. **2**. *зоол*. Каллаи гӯсола; ҷондори захрноки тортанакмонанд. **3**. *анат*. Буғуму устухонҳои найчамонанди ангуштон.

**ФАЛЕРИ́СТИКА**, [< юн. phalara ороишоти металлӣ]. **1**. Илме, ки таърихи ордену медал ва нишонҳоро меомӯзад. **2**. Ҷамъ (*коллексия*) кардани чунин ордену медал ва нишонҳо. || Мқс. гералдика, нумизматика.

**ФА́ЛЛОС**, [юн. phallos]. *анат*. Узви таносули мард. || Мқс. пенис.

**ФАЛСЕ́Т (ФАЛЬЦЕ́Т)**, [ит. falsetto]. Овози хеле баланди (борики) мардона ва тарзи сурудхонӣ бо чунин овоз.

**ФАЛСИФИКА́ТСИЯ (ФАЛЬСИФИКА́ЦИЯ)**, [< лот. falsificatio таҳриф]. **1**. Сохтакорӣ, қаллобӣ; кӯшиши ҳақиқӣ нишон додани чизи сохта, қалбакӣ. **2**. Таҳриф, мас., Ф.-и далелҳои таърихӣ.

**ФАЛСТА́РТ (ФАЛЬСТА́РТ)**, [англ. false start]. *варз*. Оғози (*старти*) нодуруст; пеш аз амр ё *сигнал* ба ҳаракат сар кардани варзишгар.

**ФАМИ́ЛИЯ**, [< лот. familia аҳли хонавода]. **1**. Насаб; номи меросии аз як насл ба насли диг. гузаранда ки ба номи шахс ҳамроҳ карда мешавад. **2**. *куҳна*. Оила.

**ФАНАТИ́ЗМ**, [< лот. fanaticus худро гумкарда]. Таассуб; ихлосмандии сахт ба ақидаи худ, ба ягон дин, мазҳаб, ғоя, таълимот.

**ФАНА́ТИК**, [< *фанатизм*]. Мутаассиб; шахсе, ки ба ягон ақида, ғоя, таълимот сахт дода шудааст.

**ФАНЕ́РА**, [ол. Furnier]. Варақчӯб; вараќи тунуки чӯб ё якчанд варақчӯби ба ҳам часпондашуда барои рӯйкаш намудан ё сохтани ҳар гуна маснуоти чӯбин.

**ФАНТ**, [ол. Pfand]. Як наъ бозӣ, ки иштирокчиёни он бо роҳи қуръапартоӣ ҳар гуна супоришҳои хандаовару шӯхиомезро иҷро мекунанд, инчунин худи ҳамин супоришҳо.

**ФАНТА́ЗИЯ,** [< юн. phantasia тасаввур]. **1**. Тахайюлот, хаёлот; сайри хаёл, парвози орзӯ. **2**. Хаёли хом, орзӯи амалинашаванда; дурӯғ, муҳобот. **3**. *мус*. Асари мусиқӣ дар шаклу услуби озод.

**ФАНТАСМАГО́РИЯ**, [пол. fantasmagoria < юн. phantasia тахайюл, тасаввур]. Рӯъё; ваҳм; хоб ё хаёли даҳшатнок.

**ФАНТА́СТ**, [< *фантастика*]. Фантастиканавис; нависандаи асарҳои фантастикӣ.

**ФАНТА́СТИКА**, [< юн. phantastike қобилияти тасаввур кардан]. **1**. *адш*. Асари адабие, ки ба тайюлоти бадеӣ, ба *фантазия* (маънои 1) асос ёфтааст. **2**. Ягон чизи ҳайратовар, тасаввурнопазир, ғариб, фавқулода.

**ФАНТО́М**, [фр. fantome]. **1**. Рӯъё, шабаҳ. || Мқс. галютсинатсия, фантасмагория. **2**. Амсилаи (*модели*) ҷасади одам ё як қисми он, ки дар дарс чун асбоби аёнӣ хизмат мекунад.

**ФАНФА́РА**, [ит. fanfara]. **1**. Як навъ асбоби мусиқии нафасии мисин; шайпур. **2**. Оҳанги кӯтоҳи мутантани муждарасон, ки бо ҳамин асбоб навохта мешавад. || Мқс. саксофон, тромбон.

**ФАРА́Д**, **ФАРА́ДА**, [англ. farad – аз номи физики англис М. Фарадей (1791-1867)]. *физ*. Воҳиди гунҷоиши электрӣ дар Системаи байналхалқии воҳидҳо (СИ), ки ба гунҷоиши *конденсатор* баробар аст.

**ФАРАДЕ́Й**, [англ. faraday – аз номи физики англис М. Фарадей (1791-1867)]. *физ*. Воҳиди заряди электр, ки дар *электрохимия* истифода мешавад.

**ФАРАО́Н**, [юн. pharaon]. **1**. Фиръавн; унвони подшоҳони Мисри Қадим. **2**. *жарг., гуфт*. Корманди политсия (одатан дар мамлакатҳои англисизабон). || Мқс. коп, мент.

**ФАРВА́ТЕР**, [ҳол. vaarwater < vaar тоза + water об]. Роҳи бехатар барои гузаштани киштиҳо, ки одатан бо нишону аломатҳои махсус ҷудо карда мешавад.

**ФАРИНГИ́Т**, [< юн. phynx ҳалқ, гулӯ]. *тиб*. Варами луобпардаи гулӯ. || Мқс. ангина, тонзиллит.

**ФАРИ́НГОСКОПИ́Я**, [< юн. phynx ҳалқ, гулӯ + ...*скопия*]. *тиб*. Муоинаи гулӯ бо ёрии оиначаи махсус.

**ФАРМАКОЛО́ГИЯ**, [< юн. pharmakon дору + ...*логия*]. *тиб*. Соҳаи илми тиб дар бораи таъсири доруҳо ба организм ва тарзу усулҳои истифодаи онҳо.

**ФАРМАСЕ́ВТ (ФАРМАЦЕ́ВТ)**, [< юн. pharmakon дору]. Дорусоз; корманди дорухона, ки маълумоти фармасевтӣ (ниг. *фармасевтика*) дорад.

**ФАРМАСЕ́ВТИКА (ФАРМАЦЕ́ВТИКА)**, [< юн. pharmakon дору]. Илми дорусозӣ; соҳаи тиб, ки бо масъалаҳои истеҳсол, нигоҳдорӣ ва фурӯши доруҳо машғул аст.

**ФАРСО́ВКА (ФАРЦО́ВКА)**, [< англ. for sale барои фурӯш]. Ҷаллобӣ, ҳаннотӣ; аз хориҷиён харидани молҳои камёб бо мақсади қимматтар фурӯхтани онҳо ба дигарон.

**ФА́СТСИЯ (ФА́СЦИЯ)**, [лот. fascia]. *анат.* Пардаи пайвандкунандаи рӯи мушакҳо, рагҳо ва баъзе узвҳои диг.

**ФАТА́**, [< турк. futa]. Сарандози нафиси арӯсон. || Мқс. вуал.

**ФАТАЛИ́ЗМ**, [< лот. futalis сарнавишт, қисмат]. Қадария; боварӣ ба сарнавишт; ҷаҳонбиние, ки тамоми ҳодисоти табиат ва ҷамъиятро бо тақдир, қисмат вобаста медонад.

**ФА́УНА**, [< лот. Fauna – номи зани Фавн, ҳомии саҳрову ҷангалҳо дар асотири римиёни қадим]. Олами ҳайвонот; маҷмуи ҳайвоноти ягон минтақа, мамлакат ё ягон давраи таърихи Замин. || Мқс. флора.

**ФА́УСТПАТРО́Н**, [ол. Faustpatrone]. Аслиҳаи реактивии дастӣ барои паррондани минаҳо ба ҳадафҳои зиреҳпӯш.

**ФА́ТСИЯ (ФА́ЦИЯ)**, [< лот. facies намуди зоҳирӣ]. *геол.* **1**. Як ё якчанд қабат ҷинсҳои кӯҳие, ки таркиб ва таҳшинҳои органикиашон якхела мебошанд. **2**. Шароитҳои физикию географии ташаккулёбии ҷинсҳои кӯҳӣ ва таҳшинӣ.

**ФАШИ́ЗМ**, [ит. fascismo]. **1**. Идеологияи натсионал-сотсиализм. **2**. Ҷараёни иртиҷоие, ки ба ҷорӣ намудани диктатураи террористӣ дар тамоми ҷаҳон ба тавассути сиёсати ҷангҷӯёна, таҷовузгарона, нажодпарастона ва барангехтани адоват дар байни миллатҳо кӯшиш мекунад.

**ФАЭТО́Н**, [юн. Phaethon]. **1**. Дар асотири Юнони Қадим – писари худои Офтоб Гелиос, ки аробаи оташин ихтироъ карда буд. **2**. Фойтун; як навъ аробаи сабуки чорчарха, ки болояш кушода ва пӯшида мешавад. **3**. *зоол.* Парандаи укёнусӣ аз оилаи белпойҳо.

**ФАЯ́НС**, [фр. faience]. **1**. Як навъ сафоли нафис, ки аз гилмояи сафед, хамираи минералҳо, оксидҳо ва диг. моддаҳои ғайриорганикӣ тайёр мекунанд; дар истеҳсоли зарфҳои чинӣ, кошӣ (*кафел*) ва ғ. истифода мешавад. **2**. Маснуоти аз ҳамин сафол сохташуда.

**ФЕВРА́Л (ФЕВРА́ЛЬ)**, [< лот. februarius моҳи покшавӣ]. Моҳи дуюми соли тақвимӣ, ки 28 (дар соли кабиса – 29) шаборӯз аст.

**ФЕДЕРАЛИ́ЗМ**, [< лот. foedus иттифоқ, иттиҳод + пасв. -*изм*]. **1**. *ҳуқ*. Шакли давлатдорие, ки ба принсипҳои *федератсия* асос ёфтааст (ниг. *федератсия*, маънои 1). **2**. Ҳаракати федератсияхоҳӣ.

**ФЕДЕРАЛӢ́**, [< *федератсия*]. Умумидавлатӣ; мансуб ба *федератсия* (маънои 1).

**ФЕДЕРАТИВӢ́**, [< *федератсия*]. Ба *федератсия* (маънои 1) асосёфта, мас., ҷумҳурии Ф.

**ФЕДЕРА́ТСИЯ (ФЕДЕРА́ЦИЯ)**, [< лот. foederatio муттаҳидшавӣ]. **1**. Шакли давлатдорие, ки дар он воҳидҳои ҳудудӣ (ҷумҳуриҳо, *губернияҳо*, вилоятҳо ва ғ.) нисбатан мустақил буда, конститутсия, ҳукумат, мақомоти қонунбарор ва судии

худро доранд, мас., дар Россия, Олмон, ИМА ва ғ. **2**. Иттиҳоди ҷамъиятҳо, ташкилотҳо, мас. Ф.-и футбол, Ф.-и шоҳмот.

**ФЕЙЕРВЕ́РК**, [ол. Feuerwerk]. Тарфандозӣ; мушакпарроние, ки ҳангоми он оташпораҳои ранга ба ҳаво пош хӯрда, шаклҳои гуногун мегиранд; одатан дар ҷашну идҳо истифода мешавад. || Мқс. салют.

**ФЕКА́ЛИЯ**, [ол. Fakalien]. Пасафканда; пешоб ва наҷосати одам ва ҳайвон.

**ФЕЛДМА́РШАЛ (ФЕЛЬДМА́РШАЛ)**, [ол. Feldmarschall]. Рутбаи олии ҳарбӣ дар артиши баъзе мамлакатҳо. || Мқс. генерал, маршал.

**ФЕ́ЛДШЕР (ФЕ́ЛЬДШЕР)**, [ол. Feldscher]. Корманди тиби дорои маълумоти миёнаи тиббӣ, ёвари духтур.

**ФЕЛДЪЕ́ГЕР (ФЕЛЬДЪЕ́ГЕРЬ)**, [ол. Feldjager]. **1**. Хаткашони қисми ҳарбӣ. **2**. Қосиди ҳарбӣ ё ҳукуматӣ барои бурда расондании ҳуҷҷатҳои бағоят махфӣ.

**ФЕЛЕТО́Н (ФЕЛЬЕТО́Н)**, [фр. feuilleton]. Мақолаи на чандон калони адабию публисистӣ дар ВАО, ки нуқсонҳои ҳаёти ҷомеа ва рафтори ношоистаи шахсони алоҳидаро ҳаҷву танқид мекунад.

**ФЕМИ́ДА**, [юн. Themis]. **1**. Дар асотири юнониёни қадим – олиҳаи адолат, ки бо чашмони баста (рамзи беғаразӣ), дар як даст тарозу ва дар дасти дигар шамшер тасвир ёфтааст. **2**. *маҷ*. Адолати судӣ.

**ФЕМИНИЗА́ТСИЯ (ФЕМИНИЗА́ЦИЯ)**, [< лот. femina зан]. **1**. Зансолорӣ; афзудани нақши зан дар ҷомеа. **2**. *физиол., биол.* Дар фардҳои нарина пайдо шудани аломатҳои ҷинсии фардҳои модина.

**ФЕМИНИ́ЗМ**, [< лот. femina зан]. Номи умумии ҳаракату муборизаҳои занон барои барбарҳуқуқии зану мард.

**ФЕН**, [< англ. fan бодбезак]. Мӯйхушккунак; шамолдиҳаки электрикӣ барои хушкондани мӯй. || Мқс. вентиллятор.

**ФЕНО́МЕ́Н,** [ол. Phanomen]. **1**. *фалс*. Хориқа; ҳодиса, падидае, ки дар он моҳияти чизе ошкор мегардад. **2**. Ҳодисаи нодир, бемисл; хориқулода, хориқулқоида. **3**. *маҷ*. Шахси аз ягон ҷиҳат беназир, беҳамто, ғайриодӣ.

**ФЕНОМЕНАЛИ́ЗМ**, [< *феномен* + пасв. -*изм*]. *фалс*. Хориқия; таълимоти фалсафие, ки вуҷуд доштани олами объективиро рад мекунад, тасдиқ менамояд, ки он танҳо дар тасаввури инсон вуҷуд дорад; асоси олами моддиро бошад, *феноменҳое* (маънои 1) ташкил медиҳанд, ки маҳсули шуур мебошанд.

**ФЕНОТИ́П**, [< юн. phaino нишон медиҳам + typos намуна]. *биол*. Маҷмуи ҳамаи аломату хусусиятҳои организм, ки дар рафти инкишофи фардии он (*онтогенез*) ташаккул ёфтаанд. || Мқс. генотип.

**ФЕО́Д**, [< лот. feodum замин, мулк]. *таър.* Дар Аврупои ғарбии асрҳои миёна – мулки меросӣ (якҷоя бо деҳқононаш), ки амлокдор ба *вассали* худ ба шарти иҷрои хизмати дарбор ё хизмати ҳарбӣ инъом мекард.

**ФЕОДА́Л**, [< лот. feodum замин, мулк]. *таър.* Дар давраи *феодализм* – амлокдор, заминдори калон, соҳиби *феод.* || Мқс. помешик.

**ФЕОДАЛИ́ЗМ**, [< лот. feodum замин, мулк + пасв. -*изм*]. *таър.* Сохти ҷамъиятӣ-иқтисодие, ки баъди ҷамъияти ғуломдорӣ ба вуҷуд омадааст; асоси Ф.-ро моликияти хусусии амлокдор (*феодал*) будани замин ва диг. воситаҳои истеҳсолот, истисмори деҳқонони мутеъ аз тарафи амлокдорон ташкил медиҳад. || Мқс. капитализм.

**ФЕ́РМА**[1], [англ. farm < to farm ба иҷора гирифтан]. **1**. Корхонаи кишоварзии хусусӣ. **2**. Бинои ҳавлидор барои нигоҳдорӣ ва парвариши чорво, паранда.

**ФЕ́РМА**[2], [фр. ferme < лот. firmus мустаҳкам]. Иншоот ё як қисми иншоот, ки аз ҷузъҳои оҳанӣ, бетонӣ ё чӯбини бо якдигар васлшуда иборат аст.

**ФЕРМЕ́НТҲО**, [< лот. fermentum хамиртуруш]. *биол.* Моддаҳои органикие, ки ҳуҷайраҳои зинда аз худ ҷудо мекунанд; дар мубодилаи моддаҳо нақши бузург мебозанд; *энзимҳо* низ гӯянд.

**ФЕРМЕНТА́ТСИЯ (ФЕРМЕНТА́ЦИЯ)**, [< лот. fermentare ҷӯшидан, турш шудан]. *хим.* Раванди биохимиявии коркарди ашёи хом (мас., баргҳои тамоку, чой, шираи ангур ва ғ.) бо таъсири *ферментҳое*, ки микроорганизмҳо аз худ ҷудо мекунанд.

**ФЕ́РМЕР**, [англ. farmer]. Соҳиби *ферма*[1]; шахсе, ки *фермаро* ба иҷора гирифтааст.

**ФЕ́РМИЙ**, [аз номи физики италиёвӣ Э. Ферми (1901-1954)]. Элементи химиявии радиоактивӣ аз гурӯҳи III системаи даврӣ (Fm); ба оилаи *актиноидҳо* мансуб аст; бо роҳи сунъӣ ҳосил карда мешавад.

**ФЕРМИО́Н**, [аз номи физики италиёвӣ Э. Ферми (1901-1954)]. *физ.* Зарраи элементарӣ (электрон, протон, нейтрон ва ғ.) ё квазизарра, ки *спини* нимбутун дорад.

**ФЕРРО**…, [< лот. ferrum оҳан]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки бо оҳан робита доштанро ифода мекунад, мас., *ферромагнетизм.*

**ФЕ́РРОМАГНИТИ́ЗМ,** [< *ферро...* + *магнит* + пасв. -*изм*]. *физ.* Маҷмуи хосиятҳои магнитии моддаҳо (*ферромагнетикҳо*), ки дар онҳо лаҳзаҳои магнитии атомҳои ҳамсоя (*ионҳо*) ба пешвози якдигар равона карда шудаанд; Ф. боиси худ аз худ магнитнокшавии моддаҳо мегардад.

**ФЕ́РРОМАГНЕ́ТИК,** [< *ферро...* + *магнит*]. *физ.* Моддаи худ аз худ макнитнокшаванда, мас. оҳан.

**ФЕСТИВА́Л (ФЕСТИВА́ЛЬ)**, [< лот. festivus идона]. **1**. Намоиш ва тамошои оммавии асарҳои санъат, мас., Ф.-и театр, кино, мусиқӣ. **2**. Ид, ҷашн, мас., Ф.-и ҷавонон, Ф.-и донишҷӯён.

**ФЕТИ́Ш**, [фр. fetiche]. **1**. Бут, санам; чизе, ки, ба ақидаи хурофотпарастон, сеҳру қувваи фавқуттабиа дорад ва ба шахсоне, ки онро парастиш мекунанд, ёрӣ мерасонад. **2**. *маҷ*. Умуман, ҳар чизе, ки кӯр-кӯрона парастиш карда мешавад.

**ФЕТИШИ́ЗМ,** [< фетиш + пасв. -*изм*]. **1**. Яке аз шаклҳои қадимтарини дин – бутпарастӣ; парастиш ва этиқоди кӯр-кӯрона ба ягон чизи ғайризинда (ба *фетиш*). **2**. *тиб*. Як навъ бемории рӯҳӣ – майли беандозаи шаҳвонӣ ба ашёи ҷинси муқобил, мас., ба либоси таг, шона, мӯйи зан.

**ФЕТР**, [< фр. feutre намад]. Намади нафису тунук, ки аз он бештар либос ва кулоҳу пойафзол медӯзанд.

**ФИБРИ́ЛЛҲО,** [< лот. fibrla нах, тор]. *анат*. Нахҳои борики сафедагӣ, ки дар даруни ҳуҷайраҳои асаб, мушак ва баъзе ҳуҷайраҳои диг., инчунин дар моддаи байниҳуҷайравӣ вуҷуд доранд.

**ФИБРИ́Н**, [< лот. fibra нах, тор]. *хим., биол*. Сафедаи ҳалнашавандаи нахмонанд, ки дар натиҷаи лахтшавии хун ба вуҷуд меояд ва боиси бемории *тромбоз* мегардад.

**ФИБРОЛИ́Т**, [< лот. fibra нах, тор + юн. lithos санг]. Чӯбсанг; масолеҳи бинокорие, ки аз омехтаи семент ва аррамайда тайёр карда мешавад.

**ФИБРО́МА**, [< лот. fibra нах, тор]. *тиб*. Омоси безараре, ки аз бофтаи пайвандӣ таркиб меёбад. || Мқс. аденома, бластома.

**ФИБРОМИО́МА**, [< лот. fibra нах, тор]. *тиб*. Омоси безараре, ки аз бофтаҳои пайвандӣ ва мушакӣ таркиб меёбад. || Мқс. аденома, фиброма.

**ФИГУ́РА**, [< лот. figura намуд, зоҳир, шакл]. **1**. *геом*. Ҷисм; шакл; қисми сатҳ, ки бо хати сарбаста маҳдуд гардидааст (квадрат, секунҷа ва ғ.), инчунин маҷмуи нуқтаҳо дар фазо (куб, кура). **2**. Шакл, суроб, тарҳи зоҳирии ашё. **3** Андом, қаду баст, қаду қомат, ҷусса, бадан, боло, тарҳи зоҳирии одам. **4**. Мӯҳраи шоҳмот. **5**. *маҷ*. Фард, шахс, шахсият, симо.

**ФИДЕИ́ЗМ**, [< лот. fides эътиқод]. *фалс*. Таълимоти зиддиилмие, ки эътиқоди диниро аз илму дониш боло гузошта, онро ягона меъёри ҳақиқат мешуморад.

**ФИЗИАТРИ́Я**, [< юн. physis табиат + iateria муолиҷа]. Ниг. *физиотерапия*.

**ФИ́ЗИКА**, [< юн. physis табиат]. Илм дар бораи хосиятҳои умумии олами моддӣ, сохт ва шаклҳои мавҷудият ва ҳаракати *материя*, дар бораи қонуниятҳои умумии ҳодисаҳои табиӣ.

**ФИЗИОЛО́ГИЯ**, [< юн. physis табиат + ...*логия*]. Илм дар бораи фаъолияти ҳаётии организм, ҳуҷайраҳо, узвҳо ва вазифаҳои онҳо, инчунин маҷмуи равандҳои ҳаётие, ки дар организм ва қисмҳои он ба вуҷуд меоянд.

**ФИЗИОНО́МИЯ**, [< юн. physis табиат + gnomon донанда]. *гуфт.* Чеҳра, қиёфа. симои одам.

**ФИЗИОТЕРАПИ́Я**, [< юн. physis табиат + *терапия*]. Фасли тиб дар бораи таъсири омилҳои физикии табиӣ ва сунъӣ (ҳаракат, гармӣ, об, ҳаво, шуоъ ва ғ.) ба организм, инчунин истифодаи онҳо бо мақсади табобати бемориҳо; *физиатрия* низ гӯянд.

**ФИКСА́ТОР**, [< лот. fixus сахт, мустаҳкам]. **1**. *тех.* Асбобу, ки бо он ягон чизро дар ҳолати даркорӣ мустаҳкам карда нигоҳ медоранд, мас., Ф.-и курсии автомобил. **2**. *биол.* Маҳлуле, ки узвҳо, ҳуҷайраҳо, бофтаҳоро барои вайрон нашуданашон ба он тар карда мемонанд, мас. *формалин*.

**ФИЛ..., ...ФИЛ, ФИЛО...**, [< юн. phileo дӯст медорам]. Қисми калимаҳои мураккаб ба маънои дӯст доштан, нағз дидан, муҳаббат доштан, ихлосманд будан., мас., *библиофил*, *филантроп*.

**ФИЛАНТРО́П,** [< *фил...* + anthropos одам]. Инсондӯст, эҳсонкор, эҳсонпеша, имдодгар, накӯкор.

**ФИЛАНТРОПИ́Я,** [< *фил...* + anthropos одам]. Инсондӯстӣ, эҳсонкорӣ, имдодгарӣ, накӯкорӣ.

**ФИЛАРМО́НИЯ**, [< *фил...* + harmonia ҳамоҳангӣ, мавзунӣ]. **1**. Муассисае, ки бо ташкили консертҳо ва тарғиби санъати мусиқӣ машғул аст. **2**. Толори консерти ҳамин муассиса.

**ФИЛАТЕЛИ́Я**, [< *фил...* + ateleia озодшавӣ аз пардохт]. Ҷамъоварӣ ва омӯзиши маркаҳо (ниг. *марка*[1] (маънои 1).

**ФИЛЕ́**, [фр. filet]. **1**. Гӯшти миён. **2**. Гӯшти беустухон, аз устухон тоза кардашуда.

**ФИЛИА́Л**, [лот. filialis]. Шуъбаи мустақили ягон муассиса, ташкилот, ки дар ҷои дигар воқеъ шудааст.

**ФИЛМ (ФИЛЬМ)**, [англ. film]. Навори суратҳои дорои сужети ягона барои намоиш додан дар экрани телевизион ё кино. || Мқс. кино.

**ФИЛМОСКО́П (ФИЛЬМОСКО́П),** [< *филм* + ... *скоп*]. Асбоби оптикӣ барои тамошои *диафилмҳо*. || Мқс. диапроектор, проектор.

**ФИЛМОТЕ́КА (ФИЛЬМОТЕ́КА)**, [< *филм* + ... *тека*]. Ниг. *киноархив*.

**ФИЛОГЕНЕ́З**, [< юн. phyle намуд, зот + ... *генез*]. *биол.* **1**. Инкишофи таърихии узвҳо ё организмҳои зинда. **2**. Ҷараёни инкишофи (*эволютсияи*) оламии органикӣ, намудҳо, синфҳо, гурӯҳҳо, зотҳо, оилаҳои гуногуни ҳайвонот ва наботот.

**ФИЛОЛО́ГИЯ**, [< *фил...* + *...логия*]. Маҷмуи илмҳо оид ба забон ва адабиёт.

**ФИЛОСО́ФИЯ**, [< *фил...* + sophia хирад]. Фалсафа; илм дар бораи қонунҳои умумии инкишофи табиат, ҷамъият ва тафаккур.

**ФИЛТР (ФИЛЬТР)**, [< лот. filtrum намад]. Полояк; асбоби махсус ё воситаҳои дигари дастрас (мас., дока, тӯри майда ва ғ.) барои полудан, соф кардани моеот ё газ.

**ФИЛТРА́Т (ФИЛЬТРА́Т)**, [< *филтр*]. Моеъ ё газе, ки аз полояк (*филтр*) гузаштааст.

**ФИМИА́М,** [< юн. phymiao месӯзам]. Бухур; уд, мушк, анбар; моддаи дудаш хушбӯй, ки дар маросимҳои динӣ дуд мекунанд.

**ФИНА́Л**, [< лот. finalis охирин]. **1**. Охир, анҷом, хотима. **2**. *мус*. Мақтаъ; анҷом; қисми охири асари мусиқӣ. **3**. *варз*. Даври охирини мусобиқаи варзишӣ, ки дар он ғолиб муайян мегардад.

**ФИНАЛИ́ЗМ**, [< лот. finalis охирин + пасв. -*изм*]. Ниг. *телеология*.

**ФИНИТИ́ЗМ**, [< лот. finitus ниҳоӣ, охирин + пасв. -*изм*]. Таълимоти фалсафие, ки моҳияти объективии категорияи беинтиҳоиро инкор мекунад.

**ФИ́НИШ**, [англ. finish]. Марра; нуқтаи охири роҳи пойга, ки бо хат ё ягон аломати диг. нишон дода шудааст.

**ФИ́НКА**, [рус. < ол. Finne]. Ханҷарчаи нӯгтези дудама.

**ФИНТ**, [ит. finta]. **1**. Найранг; ҳила ё қилиқи хандаовар. **2**. Фиреб додани ҳариф дар мусобиқаи варзишӣ.

**ФИСКАЛӢ**, [< лот. fiscalis давлатӣ]. Мансуб ба буҷет ё хазинаи давлатӣ; буҷетӣ, хазинавӣ; даромади Ф. – даромади давлат; мақомоти Ф. – муассисаҳое, ки бо пур кардани хазинаи давлат машғуланд, мас., мақомоти андоз ва гумрук; сиёсати Ф. – маҷмуи чорабиниҳо бо мақсади танзими даромаду хароҷоти давлат, буҷет.

**...ФИТ, ФИТО...,** [< юн. phyton растанӣ]. Қисми калимаҳои мураккаб, ки бо растанӣ робита доштанро ифода мекунад, мас, *галофитҳо, фитотерапевт*.

**ФИ́ТНЕС,** [< англ. fitness мувофиқат, коршоямӣ]. Маҷмуи машқҳои ҷисмонӣ ва реҷаи муайяни ғизогирӣ бо мақсади беҳтар намудани саломатӣ, обутоби бадан, харобшавӣ.

**ФИТОБЕ́НТОС**, [< *фито...* + *бентос*]. *биол*. Набототи зериобӣ; маҷмуи растаниҳое, ки дар қаъри об мерӯянд, мас., обсабзҳо.

**ФИ́ТОГОРМО́НҲО**, [< *фито...* + *гормон*]. *биол*. Моддаҳои фаъоли физиологие, ки дар растаниҳо ба вуҷуд омада, қадкашӣ ва инкишофи онҳоро танзим менамоянд.

**ФИ́ТОПАТОЛО́ГИЯ**, [< *фито...* + *патология*]. *бот*. Илме, ки бемориҳои растанӣ ва усулҳои пешгирию табобати онҳоро меомӯзад.

**ФИТОПЛАНКТО́Н**, [< *фито...* + *планктон*]. *бот*. Маҷмуи растаниҳои озод шинокунанда, асосан обсабзҳо, ки дар қабатҳои болоии оби кӯл, дарё, баҳр маскунанд.

**ФИ́ТОТЕРАПИ́Я**, [< *фито... + терапия*]. *тиб*. **1**. Гиёҳдармонӣ; табобат бо гиёҳҳои шифобахш. **2**. Илме, ки усулҳои табобат бо гиёҳҳоро пайдо мекунад ва меомӯзад.

**ФИТОФА́ГҲО**, [< *фито... + ...фаг*]. *зоол*. Растанихӯрҳо; ҳайвоноти растанихӯр.

**ФИ́ФТИ-ФИ́ФТИ**, [англ. fifty-fifty]. Баробар; тақсим ба ду ҳиссаи баробар, панҷоҳ ба панҷоҳ.

**ФЛАГШТО́К**, [ҳол. vlagstok]. Пояи парчам; сутуни парчам.

**ФЛАНГ**, [фр. flanc]. Паҳлӯ; тарафи рост (маймана) ва чапи (майсараи) лашкар ё сафи аскарон.

**ФЛАНЕ́Л (ФЛАНЕ́ЛЬ)**, [< англ. flanel пашмин]. Бумазӣ; матои пахтагӣ ё пашмии ҳарду тарафаш патнок.

**ФЛЕБИ́Т**, [< юн. phlebos варид]. *тиб*. Варами варид (*вена*).

**ФЛЕГМА́ТИК**, [< юн. phlegma балғам]. Одами балғаммиҷоз, хунсард, карахт, вазнин, ором, бепарво. || Мқс. меланхолик.

**ФЛЕГМО́НА**, [< юн. phlegmone газак]. Газаки фасодноки ҳуҷайраҳо, ки ҳудуди муайян надорад; бо сурхшавии пӯст, варами бофтаю лимфаҳогиреҳҳо, ҳарорати баланд, табларза зоҳир мешавад.

**ФЛЕ́КСИЯ**, [< лот. fltxio қатшавӣ]. **1**. *физиол*. Қатшавии дасту по ва қисмҳои диг. бадан. **2**. *збш*. Бандаке, ки ба охири реша ё асоси он ҳамроҳ шуда, маънои калимаро дигар мекунад; Ф.-и дохилӣ – бо роҳи тағйир додани ҷои овозҳои решаи калима ҳосил кардани маънои нав, мас., котиб, китоб, мактаб, мактуб.

**ФЛЕ́КСОР**, [< *флексия*]. *анат*. Мушаки қаткунанда; мушаке, ки ягон қисми баданро хаму рост мекунад. || Мқс. абдуктор.

**ФЛЕШМО́Б, ФЛЭШМО́Б**, [англ. flash mob]. Чорабинии оммавие, ки дар ҷой ва вақти пешакӣ муайяншуда баргузор мегардад ва он барои ҳама (ба истисноии огоҳбудагон) ногаҳонӣ ва ғайричашмдошт мебошад; иштирокчиёни Ф. одатан бо ёрии воситаҳои электронии алоқа (*Интернет*) ҷамъ карда мешаванд.

**ФЛИ́ГЕЛ (ФЛИ́ГЕЛЬ)**, [ол. Fludel]. Иморати хурди иловагӣ дар паҳлӯи иморати асосӣ ё дар ҳавлии он.

**ФЛИРТ**, [англ. flirt]. Ишқбозӣ, ишқварзӣ, нозу карашма.

**ФЛОМА́СТЕР,** [англ. flowmaster]. Қалами махсуси хатнависӣ ё расмкашӣ бо ранге, ки аз дарунаш таровида меояд.

**ФЛО́РА**, [лот. Flora]. **1**. Дар асотири Юнони Қадим – олиҳаи гулу баҳор. **2**. Олами наботот; маҷмуи намудҳои растании ин ё он минтақа ё давраи геологӣ. **3**. Ф.-и рӯда – маҷмуи бактерияҳо ва диг. микроорганизмҳое, ки дар рӯдаи инсон ё ҳайвон зиндагӣ мекунанд.

**ФЛОТ**, [ҳол. vloot]. **1**. Маҷмуи ҳамаи киштиҳои обӣ ва ҳавоии минтақа, мамлакат, баҳр, мас., Ф.-и баҳрӣ, Ф.-и дарёӣ, Ф.-и баҳри Сиёҳ, Ф.-и ҳавоӣ. **2**. Иттиҳодияи калони киштиҳои ҳарбӣ.

**ФЛОТИ́ЛИЯ,** [исп. flotilla]. **1**. Иттиҳодияи киштиҳои ҳарбӣ барои иҷрои ягон амал дар дарё, кӯл ё қитъаҳои наздисоҳилии баҳр. **2**. Гурӯҳи киштиҳои моҳигирӣ, экспедитсионӣ, варзишӣ. **3**. Умуман киштии бисёр.

**ФЛЮ́ГЕР**, [ҳол. vleugel]. Боднамо; асбоб барои нишон додани самти вазиш ва суръати бод, ки аз лавҳачаи металлии дар гирди тири амудӣ чархзананда иборат аст; дар сутуни киштӣ, боми иморат ва ғ насб карда мешавад.

**ФЛЮ́ОРОГРАФИ́Я**, [< лот. fluor села, ҷараён + *...графия*]. Усули тадқиқи рентгенологӣ – аксбардории рентгении узвҳои бадан бо мақсади ташкиси беморӣ.

**ФЛЮОРО́З**, [< лот. fluorum *фтор*]. *тиб*. Бемории музмини дандонҳо ва устухонҳои диг., ки аз бисёрии фтор ва пайвастҳои он дар организм пайдо мешавад.

**ФЛЮС**, [< лот. fluere ҷорӣ шудан]. *тиб*. Пилла; пиллагӣ; варами фасодноки милки дандон.

**ФЛЯ́ГА,** [< лот. flasca шиша]. **1**. Митҳара; обдони сафарӣ, ки ба китф ё миён овехта мегарданд; фляжка низ гӯянд.. **2**. Чова; чалаки даста ва сарпӯшдор барои кашондани моеот, мас., шир, об, равған.

**ФОБ**, [англ. fob]. *тиҷ*. Шартномаи тиҷоратие, ки мувофиқи он хароҷоти ҳамлу нақли мол ба нархи он зам карда мешавад.

**...ФОБ ,** [< юн. phobos тарс]. Қисми охири калимаҳои мураккаб ба маънои тарсанда, нафратдошта, мас., *юдофоб*.

**...ФОБИЯ,** [< юн. phobos тарс]. Қисми охири калимаҳои мураккаб ба маънои тарс, нафрат, бадбинӣ, мас., *гидрофобия*.

**ФОЙЕ́,** [фр. foyer]. Хонаи калону барҳаво дар театр, толори консерт, кинотеатр, сирк барои истироҳати тамошобинон. || Мқс. вестибюл, холл.

**ФОЙТУ́Н**, [юн. Phaethon]. Ниг. *фаэтон* (маънои 2).

**ФОКСТРО́Т**, [англ. foxtrot]. Рақси ҷуфт бо қадамҳои лағжанда, ки аввалҳои асри 20 дар ИМА пайдо шудааст, инчунин мусиқии ҳамин рақс.

**ФО́КУС¹**, [< лот. focus оташдон]. **1**. *физ*. Нуқтаи якдигарро бурида гузаштани шуоъҳо. **2**. Дар суратгирӣ – нуқтае, ки дар он объекти сураташ гирифташаванда хеле равшан намоён мешавад. **3**. *тиб*. Манбаи беморӣ. **4**. Таваҷҷӯҳ, диққат.

**ФО́КУС²**, [< лот. focus оташдон]. Найрангбозӣ, шӯъбадабозӣ, ҳуққабозӣ, фиреби назар бо ҳаракатҳои чолоконаи даст ё бо ёрии ашёи махсус сохташуда.

**ФОЛ**, [< англ. faul play ғиромбозӣ]. **1**. *варз*. Вайрон кардани қоидаи бозӣ дар бозиҳои варзишӣ. **2**. *маҷ*. Хато, нокомӣ, шикастхӯрӣ.

**ФОЛГА (ФОЛЬГА́)**, [< лот. folium варақ]. Вараќи тунуки металлӣ, ки барои печондани маҳсулоти хӯрокворӣ, печонда пухтани гӯшт, моҳӣ ва ғ. дар тафдон, оро додани ҳар гуна чизҳо, инчунин дар истеҳсоли конденсаторҳо истифода мешавад.

**ФОЛИА́НТ,** [< лот. folium варақ]. Китоби калонҳаҷм, ғафс.

**ФОЛКЛО́Р (ФОЛЬКЛО́Р)**, [англ. folk-lore < folk халқ, халқӣ + lore дониш]. Эҷодиёти даҳонии халқ (рубоӣ, суруд, афсона, ривоят, чистон ва ғ.).

**ФОН¹**, [< лот. fundus таг, асос, замина]. **1**. Заминаранг; ранги асосие, ки дар болои он нақше, расме кашида шудааст. **2**. Пасманзар; манзараи паси объекти дар расм, сурат тасвиршуда. **3**. *маҷ*. Шароит, вазъият, муҳит, ҳол.

**ФОН²**, [< юн. phone овоз]. Шавқун, овоз ё шуоъҳои ҳархелае, ки ба қабул ё фиристодани ин ё он *сигнал* халал мерасонанд.

**...ФОН, ФОНО...,** [< юн. phone овоз]. Қисми калимаҳои мураккаб, ки ба овоз, садо робита доштанро ифода мекунад, мас., *телефон, магнитофон, фонограмма*.

**ФОНАСТЕНИ́Я,** [< *фоно.* + *астения*]. *тиб*. Хирригӣ; гирифтани овоз.

**ФОНД**, [< лот. fundus таг, асос, замина]. **1**. Хазина; захира; манбаи калони сарватҳои моддӣ ва пулӣ, ки тартиби муайяни дахлу харҷ дорад, мас., Ф.-и музди кор, Ф.-и байналмилалии асъор, Ф.-и нафақа. **2**. Захираи калони ягон чиз, мас., Ф.-и китоб, Ф.-и замин, Ф.-и манзил. **3**. Ташкилоте, ки барои мадад расондан ба гурӯҳи муайяни одамон, маблағгузории чорабиниҳои иҷтимоӣ таъсис дода шудааст, мас., Ф.-и хайрия, Ф.-и имдод ба зарардидагон аз офатҳои табиӣ.

**ФОНЕ́МА**, [< юн. phone овоз]. *збш*. Хурдтарин воҳиди овозии забон, ки барои сохтан ё дигар кардани маънои морфемаҳо, калимаҳо, ҷумлаҳо хизмат мекунад.

**ФОНЕНДОСКО́П**, [< юн. phone овоз + endon дарун + *...скоп*]. Навъи *стетоскоп*; асбоби тиббӣ барои гӯш кардани садои узвҳои дарунӣ (асосан шуш ва дил); аз ду найчаи резинӣ, гӯшмонак ва қурси мембранадор иборат аст.

**ФОНЕ́ТИКА**, [< юн. phone овоз]. *збш*. **1**. Овошиносӣ; овозшиносӣ; фасли забоншиносӣ, ки овозҳои забонро меомӯзад. **2**. Таркиби овозҳои забон.

**ФОНИАТРИ́Я**, [< юн. phone овоз + iatreia муолиҷа]. *тиб*. Фасли тиб, ки сохти физиологӣ ва бемориҳои узвҳои нутқро меомӯзад.

**ФОНОГРА́ММА**, [< *фоно...* + *...грамма*]. Сабти мусиқӣ, суруд, нутқ дар навори магнитофон, қарта (*грампластинка*) ё дар компютер.

**ФОНОКАРДИОГРА́ММА**, [< *фоно...* + *кардиограмма*]. *тиб*. Сабти садои кори дил.

**ФОНОКАРДИОГРА́ФИЯ**, [< *фоно...* + *кардиография*]. *тиб*. Усули тадқиқи фаъолияти дилу рагҳо бо ёрии сабти садои онҳо.

**ФОНОЛО́ГИЯ**, [< *фоно... + ...логия*]. *збш*. **1**. Фасли забоншиносӣ оид ба *фонемаҳо*. **2**. Таркиби фонемаҳои забон.

**ФОНОТЕ́КА**, [< *фоно... + ...тека*]. Махзан, бойгонии сабтҳои овозӣ, *фонограммаҳо*.

**ФО́РА**, [< ит. fora пешакӣ]. Дар баъзе мусобиқаҳои варзишӣ ё бозиҳо ба бозигари суст ягон имтиёз, бартарият додани бозигари зӯр, мас., пешакӣ додани хол, вақт, муҳра (дар шоҳмотбозӣ) ва ғ.

**ФО́РВАРД**, [< англ. forward пеш]. *варз*. Дар баъзе бозиҳои варзишӣ, мас., дар футбол, хоккей – ҳуҷумкунанда, ҳамлагар, бозигари хати пеш. || Мқс. хавбек.

**ФОР́ЗАТС (ФО́РЗАЦ)**, [< ол. vor пеш + Satz саҳифа, варақ]. Варақи холии дуқатшуда, ки як қаташ ба муқоваи китоб часпида, қати дигараш озод меистад.

**ФО́РИНТ**, [венг. forint]. Воҳиди пули Венгрия, ки ба 100 филлер баробар аст.

**ФО́РМА**, [< лот. forma намуд, зоҳир]. **1**. Шакл, намуд, зоҳир. **2**. Либоси дӯхт ва рангаш якхела, мас., либоси ҳарбиён, талабагон.

**ФОРМАЛИ́ЗМ**, [< *форма* + пасв. *-изм*]. **1**. Зоҳирпарастӣ, расмиятпарастӣ; аҳамияти бештар додан на ба ботин, моҳият, балки ба зоҳир, шакл. **2**. Шаклпарастӣ; равияе дар адабиёт ва санъат, ки на ба мазмуну моҳияти асар, балки ба шакли он бештар аҳамият медиҳад.

**ФОРМАЛИ́Н**, [ол. Formalin]. *хим*. Маҳлули обие, ки дар таркибаш 40% *формалдегид* дорад; чун моддаи безараркунанда (*дезинфексионӣ*), инчунин дар истеҳсоли пластмасса истифода мешавад.

**ФОРМАЛДЕГИ́Д (ФОРМАЛЬДЕГИ́Д)**, [< лот. aciditas formica кислотаи мӯрча]. *хим*. Пайвасти органикӣ, *алдегиди* кислотаи мӯрча, ки барои истеҳсоли қатрон, ранг, ошдиҳии пӯст истифода мебаранд.

**ФОРМА́Т**, [< *форма*]. **1**. Андоза (бештар оид ба маҳсулоти чопӣ: китоб, маҷалла, рӯзнома, дафтар ва ғ.). **2**. *инф*. Тарзи ҷойгир ва пешниҳод намудани маълумот дар хотираи компютер ё дар ҳомили берунӣ (*диск, дискет* ва ғ.).

**ФОРМА́ТСИЯ (ФОРМА́ЦИЯ)**, [< лот. formatio ташаккул]. **1**. Зинаи муайяни инкишофи ҷамъияти инсонӣ, инчунин сохти ҷамъият дар ин зинаи инкишоф. **2**. *геол*. Маҷмуи ҷинсҳои кӯҳие, ки дар шароити якхелаи геологӣ ташаккул ёфтаанд.

**ФО́РМУЛА**, [< лот. formula шакл, қоида]. **1**. Таърифи умумии мухтасар ва аниқи ягон қонун, қоида, ақида, ғоя. **2**. *мат*. Маҷмуи аломатҳои математикии бо ягон тартиб ҷобаҷошудае, ки ин ё он қоида, *теорема*, фикрро ифода мекунанд. **3**. *хим*. Ифодаи мухтасари таркиби сифатӣ ва миқдории ягон пайвасти химиявӣ бо ёрии ҳарфу аломатҳои алифбои лотинӣ. **4**. Пойгаи автомобилҳо.

**ФОРПО́СТ**, [ҳол. voorpost]. **1**. Ниг. *аванпост*. **2**. *маҷ*. Пешсаф, пешоҳанг.

**ФОРС-МАЖО́Р**, [фр. forct majeure]. *ҳуқ*. Вазъият, ҳолат, ҳодисаи ғайричашмдошт ва фавқулода, ки онро бартараф ё пешгирӣ кардан мумкин нест, мас. офати табиӣ;

Ф.-М. одатан ҷавобгариро барои иҷро накардани шартҳои шартнома аз байн мебардорад.

**ФО́РТЕ**, [ит. forte]. *мус.* Овози баланд; баръакси *пиано.*

**ФОРТЕПИА́НО**, [< ит. forte баланд + piano паст]. Ниг. *фортепяно.*

**ФОРТЕПЯ́НО (ФОРТЕПЬЯ́НО)**, [< ит. forte баланд + piano паст]. Номи умуми асбобҳои мусиқии забонакдор (*пианино, роял*), ки бо ангуштон менавозанд.

**ФОРТИ́ССИМО**, [ит. forte]. *мус.* Овози хеле баланд, баландтар аз *форте.*

**ФОРТИФИКА́ТСИЯ (ФОРТИФИКА́ЦИЯ)**, [< лот. fortificatio истеҳком]. *ҳарб.* **1**. Илми ҳарбии муҳандисӣ оид ба сохтмони иншооту истеҳкомҳо. **2**. Иншооти мудофиавӣ, истеҳком.

**ФОРТРА́Н**, [англ. fortran]. *инф.* Яке аз забонҳои барномасозӣ барои ҳалли масъалаҳои илмию техникӣ бо ёрии компютер.

**ФО́РУМ**, [лот. forum]. **1**. *таър.* Майдони калони шаҳрҳои Рими Қадим, ки дар он ҷамъомадҳои оммавӣ, ҷашнҳо, ваъзхониҳо, ярмаркаҳо, мурофиаҳои судӣ ва ғ. барпо мешуданд. **2**. Анҷуман. || Мқс. конгресс, съезд. **3**. *инф.* Мубодилаи ахбор дар байни истифодабарандагони *Интернет* дар реҷаи вақти воқеӣ.

**ФОСГЕ́Н**, [< юн. phos рӯшноӣ + genos ҷинс]. Пайвасти химиявӣ, гази беранг, заҳрнок, буғикунанда, ки аз он бӯи хаси пӯсида меояд; аз оксиди карбон ва хлор ҳосил карда мешавад.

**ФОСФА́Т**, [< юн. phos рӯшноӣ]. *хим.* Намаки кислотаи фосфор, ки дар истеҳсоли нурӣ, (ниг. *суперфосфат*), хокаи ҷомашӯӣ, инчунин дар саноати хӯрокворӣ истифода мешавад.

**ФО́СФОР**, [< юн. phos рӯшноӣ + phoros баранда, ҳомил]. *хим.* Элементи химиявӣ аз гурӯҳи V системаи даврӣ (P), ки дар таркиби баъзе минералҳо, инчунин дар организми ҳайвоноту растаниҳо вуҷуд дорад; дар торикӣ рӯшноӣ медиҳад; дар истеҳсоли нуриҳо, гӯгирд ва ғ. истифода мебаранд.

**ФОТА́РИЙ**, [< юн. phos рӯшноӣ]. *тиб.* Ҳуҷраи рӯшноидармонӣ (муолиҷа бо нурҳои ултрабунафш).

**ФО́ТО**, [< юн. phos (photos) рӯшноӣ]. Ниг. *фотография.*

**ФОТО…**, [< юн. phos (photos) рӯшноӣ]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маъноҳои зерин: 1) мансуб ба таъсири рӯшноӣ, мас., фотосинтез.; 2) мансуб ба сурат, акс, тасвир, мас., *фотоалбом, фотомонтаж.*

**ФОТОАЛБО́М (ФОТОАЛЬБО́М)**, [< *фото...* + *албом*]. Албоми (ниг. *албом*) суратҳо.

**ФОТОАППАРА́Т**, [< *фото...* + *аппарат*]. Суратгирак; асбоби суратгирӣ; дастгоҳи аккосӣ.

**ФО́ТО-АРТ**, [< *фото...* + англ. art санъат]. **1**. Санъати суратгирӣ. **2**. Навъи эҷодиёти бадеӣ – намоиши оммавии суратҳо бо мақсади ҷалб намудани диққати одамон ба ягон мавзуи муҳим.

**ФОТОБИОЛО́ГИЯ**, [< *фото...* + *биология*]. Фасли илми биология дар бораи таъсири рӯшноӣ ба организмҳои зинда.

**ФОТОГРА́ФИЯ**, [< *фото...* + *...графия*]. **1**. Суратгирӣ, аккосӣ; ба воситаи асбоби суратгирии механикӣ ё электронӣ дар рӯи коғаз ё навори ба рӯшноӣ ҳассос акс намудани сурат. **2**. Сурат, акс.

**ФОТО́ЛИЗ**, [< *фото...* + юн. lysis таҷзия]. *хим.* Таҷзияи молекулаҳои модда бо таъсири рӯшноӣ.

**ФОТОМЕ́ТРИЯ**, [< *фото...* + *...метрия*]. Фасли *оптика*, ки бо чен кардани бузургиҳои рӯшноӣ ва хусусиятҳои энергетикии афканишоти электромагнитӣ машғул аст.

**ФОТОМОНТА́Ж**, [< *фото...* + *монтаж*]. **1**. Аз якчанд сурат тартиб додани лавҳаи яклухт. **2**. Аз рӯи якчанд сурат гирифтани як сурати умумӣ, инчунин сурати бо ҳамин усул гирифташуда.

**ФОТО́Н**, [< юн. phos (photos) рӯшноӣ]. *физ.* Зарраи рӯшноӣ, кванти майдони электромагнитӣ ё афканишоти рентгенӣ.

**ФОТОТЕРАПИ́Я**, [< *фото...* + *терапия*]. *тиб.* Рӯшноидармонӣ; шуоъдармонӣ; муолиҷа бо афканишоти ултрабунафш ё инфрасурх.

**ФОТОФО́БИЯ**, [< *фото...* + *...фобия*]. *тиб.* Рӯшноитарсӣ. || Мқс. гидрофобия.

**ФОТОХИ́МИЯ**, [< *фото...* + *химия*]. Фасли химия дар бораи раванду ҳодисаҳое, ки бо таъсири нурҳои рӯшноӣ ба амал меоянд.

**ФРАЗЕОЛО́ГИЯ**, [< юн. phrasis ифода + *...логия*]. Фасли забоншиносӣ, ки ибораю таркибҳои рехта ва устувори забонро меомӯзад.

**ФРАК**, [фр. frac]. Навъи либоси мардона, ки пешаш кушодаю кӯтоҳ ва ақибаш дарози миёнчок мебошад. || Мқс. сюртук.

**ФРАКСИЯ (ФРАКЦИЯ)[1],** [< лот. fractio шикастан]. **1**. Гурӯҳи муташаккили аъзои ягон ҳизб дар парламент ё ягон ташкилоти диг. **2**. Як қисми ҳизби сиёсӣ, ки худсарона бар хилофи сиёсати пешгирифтаи ҳизби худ амал мекунад.

**ФРАКСИЯ (ФРАКЦИЯ)[2],** [< лот. fractio шикастан]. *хим., физ.* Қисми моддаи сахт, хока ё моеъ, ки аз рӯи ягон хусусияти хосаш (мас., аз рӯи андозаи зарраҳо, зичӣ, ҳарорати ҷӯшиш ва ғ.) ҷудо карда шудааст.

**ФРАНК,** [фр. franc]. Воҳиди пули Фаронса, Белгия (то ҷорӣ шудани *евро*), Швейтсария ва як қатор мамлакатҳои диг., ки ба 100 *сантим* баробар аст.

**ФРА́НКО,** [< ит. franco озод кардан]. *тиҷ.* Шарти фурӯши мол, ки мувофиқи он харидор аз пардохти пули ҳамлу нақл озод карда мешавад, зеро он ба нархи мол илова шудааст.

**ФРАНЧА́ЙЗИНГ**, [< англ. franchise имтиёз]. **1**. Аз тарафи ягон ширкат ба ширкати нав (одатан ба ширкати фаръии худ) додани имтиёз бо мақсади зудтар тараққӣ кардани он. **2**. Иҷозат барои истеҳсоли маҳсулот бо тамғаи машҳури ягон ширкати дигар (ба ивази маблағи муайян ва ба шарти назорат кардани соҳиби тамға ба сифати маҳсулот).

**ФРА́У**, [ол. Frau]. Мурочиати боэҳтиромона ба зани шавҳардор дар Олмон ва баъзе мамлакатҳои диг.

**ФРАХТ**, [ҳол. vracht]. Музди боркашонӣ бо роҳҳои обӣ.

**ФРЕГА́Т,** [ҳол. fregat]. **1**. Киштии бодбондори тезгарди ҳарбӣ (дар асрҳои 18-19). **2**. *зоол.* Як навъ парандаи думдарози баҳрӣ ки болҳои сиёҳ дорад; дар соҳили баҳрҳои гарм зиндагӣ мекунад.

**ФРЕ́ЗА**, [фр. fraise]. *тех.* **1**. Рандаи механикии даврзанандаи сердандон барои тарошидани маснуоти металлӣ ё чӯбӣ. **2**. Як навъ мошине, ки барои кофтан ё нарм кардани замин истифода мешавад.

**ФРЕ́ЗЕР**, [фр. fraise]. Ниг. *фреза* (маънои 1).

**ФРЕЙДИ́ЗМ**, [аз номи З. Фрейд (1856-1939)]. *психол.* Таълимоти психолог ва психиатри австриягӣ Зигмунд Фрейд, ки мувофиқи он қувваи ҳаракатдиҳандаи рафтору ахлоқи инсон маҷмуи рағбатҳои бешуурона, шаҳвонӣ ва ҳаётии ӯ мебошанд.

**ФРЕ́ЙЛЕЙН**, [ол. Fraulein]. Мурочиати боэҳтиромона ба духтар дар Олмон ва баъзе мамлакатҳои диг.

**ФРЕ́ЙЛИНА**, [ол. Fraulein]. *таър.* Унвони занону духтарони асилзода, ки дар дарбор муқаррабони малика ё шоҳдухтар буданд.

**ФРЕНОЛО́ГИЯ**, [< юн. phren ақл, зеҳн + *...логия*]. Назарияи ғайриилмӣ, ки мувофиқи он гӯё аз рӯи шакли косахонаи сар сатҳи дониш, қобилиятҳои зеҳнӣ ва ахлоқи шахсро муайян кардан мумкин будааст.

**ФРЕНЧ**, [аз номи фелдмаршали англис Ҷ. Френч (1852-1925)]. Як навъ камзӯли ҳарбиён, ки чор кисаи калони берунӣ ва аз қафо камарбандча дорад.

**ФРЕО́Н,** [фр. freon]. Моддаи органикии газшакл ё моеъ, ки дар яхдонҳо ва сардхонаҳо барои хунук кардан истифода мебаранд.

**ФРИ**, [фр. frit бирёндашуда]. Ҳар чизи дар равғани ҷӯшон бирёндашуда, мас., картошкаи Ф.

**ФРИКАДЕ́ЛКА,** [фр. fricadelles]. Ғелак; котлетчаи кулӯла аз гӯшти қима, ки дар угро ва диг. таомҳои обагӣ пухта мешавад.

**ФРИТЮ́Р**, [фр. friture < frit бирёндашуда]. Қабати ғафси равғани зард, ки дар он маҳсулоти гуногун бирён карда мешавад.

**ФРО́НТ**, [фр., ол. front < лот. frons (frontis) пешона]. **1**. Тарафи пеши қатори аскарон. **2**. Ҷабҳа; қисми пеши майдони ҷанг. 3. Умуман, ҷанг, мас. ба Ф. рафтан – ба ҷанг рафтан. **4**. Дар замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ – иттиҳодияи ҳарбии иборат аз якчанд *армия* бо сардории як фармондеҳ, мас. Ф.-и якуми Украина. **5**. Соҳа, ҷабҳаи фаъолият, мас., Ф.-и идеологӣ, Ф.-и фарҳангӣ.

**ФРОНТИ́Т**, [< лот. frons (frontis) пешона]. *тиб* Газаки луобпардаи ҷавфи пешона.

**ФРУ**, [шв. fru]. Мурочиати боэҳтиромона ба зани шавҳардор дар мамлакатҳои Скандинавия; одатан пеш аз ном ё насаб истифода мебаранд.

**ФРУКТО́ЗА**, [< лот. fructus мева]. *хим*. Қанди мева; навъи *моносахарид* (*карбогидрат*); моддаи органикии беранги ширин, ки дар таркиби мева ва асал вуҷуд дорад; маҳсулоти бебаҳои хӯрокӣ буда, дар пухтупаз ба ҷои қанди одӣ (*сахароза*), инчунин дар истеҳсоли доруҳои гуногун истифода мешавад. || Мқс. глюкоза.

**ФРУСТРА́ТСИЯ (ФРУСТРА́ЦИЯ)**, [< лот. frustratio фиреб, бебарорӣ]. *психол*. Ҳолати рӯҳие, ки ҳангоми ноумедӣ, рӯҳафтодагӣ, беилоҷӣ пайдо шуда, ба афсурдаҳолӣ, изтироб ва тарсу ваҳм табдил меёбад.

**ФТИЗИАТРИ́Я**, [< юн. phtisis сил + iatreia табобат]. *тиб*. Фасли тиб, ки бемории сил ва роҳҳои ташхис, муолиҷа ва пешгирии онро меомӯзад.

**ФТОР**, [< юн. phthoros ҳалокат]. *хим*. Элементи химиявӣ аз гурӯҳи VII системаи даврӣ (F); гази сафеди зардча, ки бӯи тез дорад; барои синтези пайвастҳои органикии фторӣ, дар истеҳсоли хамираи дандоншӯӣ, доруҳо ва ғ. истифода мешавад.

**ФТОРИ́ДҲО,** [< *фтор* + юн. eidos намуд]. *хим*. Пайвастҳои *фтор* бо элементҳои диг.

**ФУ́ГА**, [ит. fuga]. *мус*. Такрори паиҳами як мавзуи мусиқӣ бо чандин овоз ва асари мусиқие, ки бо ҳамин усул иҷро карда мешавад.

**ФУГА́С**, [фр. fougasse]. Моддаи таркандае, ки дар зери замин ё об гузошта мешавад.

**ФУЖЕ́Р**, [ит. fougere]. Қадаҳи калони поядароз; соғар, ҷом. || Мқс. рюмка.

**ФУМИГА́НТҲО**, [< лот. fumagare дуд кардан]. *хим., кшв*. Моддаҳои химиявие, ки барои нест кардани зараррасонҳо, барангезандагони бемориҳои растанӣ ва ангалҳои чорво истифода мешаванд (*аскарисидҳо, гербисидҳо, фунгисидҳо* ва ғ.).

**ФУНГИСИ́ДҲО (ФУНГИЦИ́ДҲО)**, [< лот. fungus занбурӯғ]. *хим., кшв*. Моддаҳои химиявӣ барои мубориза бо бемориҳои занбурӯғӣ ва бактериявии зироатҳо.

**ФУНИКУЛЁ́Р**, [< лот. funiculus таноб]. Роҳи оҳани кӯҳӣ, ки вагонҳояш бо симтаноб кашида бароварда ё фуроварда мешаванд.

**ФУНКСИОНАЛИ́ЗМ (ФУНКЦИОНАЛИ́ЗМ)**, [< лот. functio иҷро кардан]. *меъм.* Равияе дар санъати меъморӣ, ки талаботи асосиаш мувофиқати шакли зоҳирии иморат бо вазифаю таъйиноти он аст.

**ФУ́НКСИЯ (ФУ́НКЦИЯ)**, [< лот. functio иҷро кардан]. **1**. Ба маънои васеаш – вазифа, кор, амал, фаъолият. **2**. *мат.* Бузургие, ки баробари тағйир ёфтани бузургии диг. (*аргумент*) тағйир меёбад.

**ФУНТ**, [англ. pound]. Воҳиди пул дар баъзе мамлакатҳо.

**ФУ́РА,** [ол. Fuhre]. **1**. *куҳна.* Аробаи дарози боркаш. **2**. Мошини дарози болопӯшидаи боркаш.

**ФУРА́ЖКА**, [рус. < фр. fourrage]. Каллапӯши гирди пешаш лапардор, ки бештар ҳарбиён мепӯшанд.

**ФУРГО́Н**, [фр. fourgon]. **1**. Аробаи боркаши болопӯшида. **2**. Автомобили боркаши бордонаш пӯшида.

**ФУРКА́ТСИЯ (ФУРКА́ЦИЯ)**, [< лот. furcatus ҷудошуда]. Дар педагогика – таҳияи нақшаи таълимии синфҳои болоӣ мувофиқи соҳаҳо (мас., соҳаҳои ҷамъиятшиносӣ, физикаю математика ва ғ.) ва бештар омӯхтани фанҳое, ки барои ҳамон соҳа заруранд.

**ФУРНИТУ́РА**, [фр. fournature]. Масолеҳи ёрирасони баъзе чизҳо, мас., Ф.-и либос – тугма, часпак (*кнопка*), шероза, сарсӯзан; Ф.-и ҷевон – даста, часпак, қуфл ва ғ.

**ФУРУ́НКУЛ**, [лот. furunculus]. Пучак; вараки фасодноки халтачаи мӯ ё ғадуди равғани пӯст ва бофтаҳои атроф. || Мқс. абстсесс, флегмона.

**ФУРУНКУЛЁ́З**, [< *фурункул*]. *тиб.* Пучаксорӣ; серпучакӣ; баровардани пучаки бисёр.

**ФУРШЕ́Т**, [< фр. fourchette чангча, шохача]. Ниг. *аляфуршет.*

**ФУТ**, [англ. foot]. Воҳиди дарозӣ дар баъзе мамлакатҳо, ки ба 12 *дюйм* ё 0,3048 м баробар аст.

**ФУТБО́Л**, [англ. football бозӣ бо пой]. *варз.* Бозии варзишӣ бо тӯб дар байни ду дастаи ёздаҳнафарӣ; дар Ф. бозигарон кӯшиш мекунанд, ки тӯбро бо пой ё сар зада ба дарвозаи ҳариф дароранд. || Мқс. баскетбол, регби.

**ФУ́ТИНГ**, [англ. footing < foot пой]. Пиёдагардии босуръат барои мустаҳкам кардани саломатӣ.

**ФУТУРИ́ЗМ**, [< лот. futurum оянда]. Равияе дар санъат ва адабиёт, ки услубу анъанаҳои мероси адабию фарҳангии гузаштаро инкор намуда, кӯшиш менамуд, ки услубҳои нави "санъати оянда"-ро ба вуҷуд орад.

**ФУТУРОЛО́ГИЯ**, [< лот. futurum оянда + ...*логия*]. Ояндабинӣ; соҳаи донишҳои илмӣ, ки бо пешгӯии рушдиояндаи ҷамъияти инсонӣ ва равандҳои иҷтимоӣ машғул мебошад.

**ФЮЗЕЛЯ́Ж**, [фр. fuselage]. Тана, "шикам"-и ҳавопаймо, чархбол, ки дар он одатан мусофирон, экипаж ва бағоҷ ҷой мегиранд.

**ФЮ́РЕР**, [ол. Fuhrer доҳӣ]. *таър*. **1**. Дар Олмони фашистӣ – пешвои натсистон Адолф Гитлер. **2**. Қисми охири рутбаи ҳарбии афсарони СС, мас., штандартенфюрер, группенфюрер, рейхсфюрер.

# Х

**ХАВБЕ́К,** [англ. half-back]. Ниммуҳофизатгар; бозигари хати миёна дар футбол, хоккей ва бозиҳои диг.

**ХА́КЕР,** [англ. hacker]. **1**. Шахсе, ки ба барномасозии компютерӣ майлу ҳаваси зиёд дорад. **2**. Шикanандаи барномаю рамзҳои махфии компютерӣ, инчунин воситаҳои муҳофизати маълумоти бонкҳо, муассисаҳои ҳарбӣ, тиҷоратӣ ва м. инҳо бо мақсади ба даст овардани маълумоти пурқимат, дуздии пул аз суратҳисобҳои бонк, сар додани вирусҳо ва ғ.

**ХАЛСЕДО́Н (ХАЛЦЕДО́Н)**, [юн. chalkedon]. *маъд*. Як навъ минерали кристаллии нимшаффоф – санги қиматбаҳое, ки рангҳои гуногун дорад.

**ХАРАКИ́РИ**, [яп.]. Дар байни японҳо (*самурайҳо*) – худкушии ихтиёрӣ ё маҷбурӣ бо роҳи шикофтани шиками худ бо ханҷар. || Мқс. суисид.

**ХАРА́КТЕР,** [юн. charakter хусусият, хислат]. **1**. Тинат, табиат, хӯ, хулқ; маҷмуи хислату хусусиятҳои ботинии одам ва ҳайвоноти олӣ. **2**. Ҷамъи аломату хусусиятҳои ашё, ҳодисаҳо.

**ХАРАКТЕРИ́СТИКА**, [< *характер*]. **1**. Тавсифнома; тавсифи хислату хусусиятҳои хуб ё бади касе ё чизе. **2**. *мат*. Қисми бутуни *логарифми* даҳӣ.

**ХА́РДВЕР**, [англ. hardware]. **1**. Қисмҳои таркибии технологияҳои баландпоя, мас. Х.-и компютер – *просессор,* видеокарта*, винчестер, монитор* ва ғ. **2**. *маҷ*. Хазина (*фонд*) ва сармоягузориҳои доимӣ.

**ХАРД-ДИСК,** [англ. hard-disk]. *инф*. Ниг. *винчестер*.

**ХАРД-РОК,** [англ. hard-rock]. *мус*. Яке аз равияҳои рок-мусиқӣ.

**ХА́РТИЯ,** [< юн. chartes коғаз]. **1**. Дастнависи қадима. **2**. Ҳуҷҷате, ки дар он талаботу дархостҳои сиёсии гурӯҳҳо ё синфҳои ҷамъиятӣ баён гардидаанд.

**ХАРЧО́,** [гурҷ.]. Як навъ шӯрбои гурҷӣ, ки аз гӯшти гӯсфанд, биринҷ ва сирпиёз пухта мешавад; ба мастобаи тоҷикӣ монанд аст.

**ХЕМИ..., ХЕМО...,** [англ. chemi...]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки бо химия ва равандҳои химиявӣ робита доштанро ифода мекунад, мас., *хемотаксис*.

**ХЕМОТА́КСИС,** [< *хемо... + таксис*]. *биол*. Ҳаракати баъзе ҳуҷайраҳои зинда, микроорганизмҳо, ҳайвоноту набoтот бо таъсири пайвастҳои химиявӣ.

**ХЕМОТРОПИ́ЗМ,** [< *хемо... + тропизм*]. *биол*. Сабзиши растаниҳо бо таъсири пайвастҳои химиявӣ. || Мқс. хемотаксис.

**ХЕ́ППЕНИНГ,** [англ. happening]. *санъ.* Яке аз равияҳои санъати театрии муосир – спектакл аз саҳна ба кӯча мегузарад ва тамошобинон имкон пайдо мекунанд, ки якҷоя бо актёрон дар он бозӣ кунанд.

**ХЕ́Т-ТРИ́К,** [англ. hat trick]. *варз.* **1**. Се гол задани як бозигар дар як бозӣ (мас., дар футбол, хоккей). **2**. Дар се намуди мусобиқа ҷои якумро соҳиб шудани як варзишгар ё як дастаи варзишӣ.

**ХИМЕ́РА,** [< юн. Chimaira]. Дар асотири юнониёни қадим – аждаҳое, ки даҳани шер, думи мор, танаи буз ва нафаси оташбор дорад.

**ХИМИОТЕРАПИ́Я,** [< *химия + терапия*]. *тиб.* Химиядармонӣ; муолиҷаи бемориҳои сироятӣ ва омосӣ бо ёрии моддаҳои химиявӣ.

**ХИ́МИЯ,** [< лот. chemia]. Илме, ки таркиб, сохт ва хусусиятҳои моддаҳоро меомӯзад.

**ХИНКА́ЛИ,** [гурҷ.]. Як навъ таоми мантумонанди халқҳои Кавказ.

**ХИ́ППИ,** [< англ. hip миён, камар]. Намояндаи ҷавонони дорои рӯҳияи *анархистӣ* ва исёнгарона, ки озодӣ аз оила ва ҷомеа, канорагирӣ аз тамаддун, ҳаёти оворагардона ва бетартибонаро ихтиёр намуда, бо ин роҳ ба муқобили ҳақиқат ва ахлоқи аз ҷониби умум эътирофшуда эътироз баён мекунанд.

**ХИРОМА́НТИЯ,** [< юн. cheir даст + manteia фолбинӣ]. Фолбинӣ, пешгӯии қисмат аз рӯи хатҳои кафи даст.

**ХИРУ́РГ,** [< *хирургия*]. Ҷарроҳ.

**ХИРУРГИ́Я,** [< юн. cheir даст + ergon кор]. Илми ҷарроҳӣ; соҳаи илми тиб, ки усулҳои ҷарроҳӣ ва бемориҳои бо ҷарроҳӣ муолиҷашавандаро меомӯзад.

**ХИТ,** [< англ. hit муваффақият]. Беҳтарин асари оҳангсоз, сароянда ё дастаи санъаткорон. || Мқс. шлягер.

**ХИТ-ПАРА́Д,** [< англ. hit муваффақият + *парад*]. Рӯихати маъруфтарин, машҳуртарин сурудҳои эстрадӣ ва иҷрокунандагони онҳо, ки бо роҳи пурсиши коршиносон, мутахассисон ё мухлисон тартиб дода шудааст.

**ХИТО́Н,** [юн. chiton]. Дар Юнони Қадим – либоси таги мардона ё занонаи аз зону боло, ки аз матои катонӣ ё пашмин дӯхта мешуд.

**ХЛОР,** [< юн. chloros сабзи зардча]. Элементи химиявӣ аз гурӯҳи *галогенҳо* (Cl); гази заҳрноки буғикунанда, рангаш сабзи зардча (номаш аз ҳамин ҷост).

**ХЛОРА́ТҲО,** [< *хлор*]. *хим.* Намакҳои кислотаи *хлор*, моддаҳои заҳрноки кристаллӣ, ки дар вақти гарм кардан метарканд.

**ХЛОРИ́ДҲО,** [< *хлор*]. *хим.* Пайвастҳои *хлор* бо элементҳои диг., мас., хлориди натрий.

**ХО́ББИ,** [англ. hobby]. Машғулияти дӯстдошта, дилписанд одатан дар вақтҳои фориғ аз кор, мас., шоҳмотбозӣ, расмкашӣ, моҳидорӣ, гулдӯзӣ ва м. инҳо.

**ХОККЕ́Й,** [англ. hockey]. Бозии варзишӣ дар болои ях ё алаф; ҳар кадоме аз ду даста кӯшиш менамояд, ки гӯйро (*шайба* ё тӯбчаро) бо чавгон ба дарвозаи ҳариф дарорад. || Мқс. футбол.

**ХО́ЛДИНГ**, [англ. holding]. *тиҷ.* Ширкати саҳҳомие, ки сармояи худро барои харидани маҷмуи (*пакети*) назоратии саҳмияҳои ширкатҳои диг. истифода мебарад.

**ХОЛЕСТЕРИ́Н,** [< юн. chole талха+ stereos сахт]. *биол., хим.* Пайвасти органикӣ, ки танҳо дар организми одам ва ҳайвонот вуҷуд дорад; ба таркиби бофтаҳо, хусусан бофтаҳои асаб дохил мешавад.

**ХОЛЕСТЕРИНЕМИ́Я,** [< *холестерин*]. *тиб.* Дар таркиби хун вуҷуд доштани *холестерин.*

**ХОЛЕСИСТИ́Т (ХОЛЕЦИСТИ́Т),** [< юн. chole талха+ kystis пуфак]. *тиб* Варами талхадон.

**ХОЛИ́Н,** [< юн. chole талха]. *биол., хим.* Витамини гурӯҳи В; дар мубодилаи чарбуи организм нақши бузург мебозад.

**ХОЛЛ,** [англ. hall]. Толори калон дар меҳмонхона, театр, идораҳо барои вохӯрӣ, суҳбат, дамгирӣ, интизоршавӣ. || Мқс. зал.

**ХОЛОКО́СТ,** [англ. holocaust]. *таър.* Аз тарафи фашистон саросар қир карда шудани қисми зиёди яҳудиёни Аврупо дар солҳои 1933 -1945; дар давраи Х. тақрибан 7 млн яҳудӣ ба қатл расонда шуд.

**ХОНДРИ́Т¹,** [< юн. chondros тағояк]. *тиб.* Варами тағояк.

**ХОНДРИ́Т²,** [< юн. chondros дона]. *тиб.* Метеоритсанги таркибаш дона-дона.

**ХО́ППЕР,** [англ. hopper қиф]. Вагони боркаши худфурор барои кашондани борҳои пошхӯранда, ба монанди ғалла, маъдан, ангишт ва ғ.; шаклаш ба қифи калон монанд аст (номаш аз ҳамин ҷост).

**ХОР,** [юн. choros]. **1**. Дастаи сарояндагон, ки якҷоя суруд мехонанд, инчунин асари мусиқие, ки барои онҳо навишта шудааст. **2**. *меъм.* Қисми шарқии ибодатгоҳи католикӣ – ҷои рӯҳониён ва сарояндагон ҳангоми ибодат.

**ХОРА́Л,** [< *хор*]. Сурудхонии бисёровозии католикҳо ва протестантҳо.

**ХО́РДА,** [< юн. chorde тор]. *геом.* Хати росте, ки ду нуқтаи ягон хати каҷро (мас., хати доираро) ба ҳам мепайвандад.

**ХОРДО́МЕТР,** [< юн. chorde тор + ...*метр*]. Асбоб барои чен кардани ғафсию борикии тори асбоби мусиқӣ.

**ХОРЕОГРА́ФИЯ,** [< юн. choreia рақс + *...графия*]. **1**. Санъати рақс. **2**. Тайёр кардан ва ба саҳна гузоштани балет ва рақс.

**ХОРЕ́Я,** [< юн. choreia рақс]. *тиб*. Рашъа; бемории асаб, ки бо ҳаракату ларзиши ғайриихтиёрӣ ва идоранашавандаи мушакҳо зоҳир мегардад; дар натиҷаи иллат ёфтани мағзи сар ҳангоми тарбод ё бемориҳои диг. пайдо мешавад. || Мқс. гиперкинез.

**ХОРМЕ́ЙСТЕР,** [< *хор* + ол. Meister усто]. Роҳбар, дирижёри *хор*.

**ХОРОЛО́ГИЯ,** [< юн. chora маҳал, кишвар + *...логия*]. Илм дар бораи минтақаҳои паҳншавии (*ареалҳои*) наботот ва ҳайвонот.

**ХО́СПИС,** [англ. hospice]. Беморхона, *клиника* барои беморони шифонопазир, ки дар он барои сабуктар кардани дарду азоби бемор тамоми шароитҳо муҳайё карда шудаанд.

**ХОСТ,** [англ. host]. *инф*. Ниг. *сервер* (маънои 2).

**ХО́СТИНГ,** [< англ. host]. *инф*. Ҷудо кардани фазои интернетӣ барои ҷойгир намудани *сайтҳо*, инчунин сервере, ки ин корро иҷро мекунад.

**ХО́Т-ДОГ,** [< англ. hot гарм + dog саг]. Кулчае, ки дар байнаш ҳасибча (*сосиска*)-и гарм ва хӯришҳо гузошта шудаанд (одатан дар қаҳвахонаю дӯконҳои кӯчагӣ).

**ХРЕСТОМА́ТИЯ,** [юн. chrestomatheia]. Китоби хониш, ки аз асарҳои хурд ё порчаҳо аз асарҳои калони адибони гуногун иборат аст.

**ХРИЗАНТЕ́МА,** [юн. chrysanthemon < chrysos тилло + anthemion гул]. Гули довудӣ; растании ороишӣ аз оилаи мураккабгулҳо.

**ХРИСТИАНИ́Н,** [< *христианӣ*]. Пайрави дини *христианӣ*; насронӣ, насоро, исавӣ, масеҳӣ.

**ХРИСТИАНӢ,** [аз номи пайғамбар Иисус Христос (Исои Масех)]. Дини христианӣ – дини насронӣ; яке аз се дини хеле паҳншудаи дунё (дар қатори ислом ва буддизм), ки дар асри 1 пайдо шудааст.

**ХРОМ,** [лот. Chromium]. **1**. Элементи химиявӣ (Cr), металли сахти нукрагун аз гурӯҳи VI системаи даврӣ. **2**. Чарми тунуки мулоим, ки бо намакҳои хром ош дода шудааст, инчунин маснуоти аз ҳамин гуна чарм тайёршуда, мас., мӯзаи хром.

**ХРОМАТИ́Н,** [< юн. chroma ранг]. *биол*. Моддаи ядрои ҳуҷайра, ки асоси *хромосомаҳоро* ташкил медиҳад.

**ХРОМО..., ХРОМАТО...,** [< юн. chroma ранг]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки ба ранг (мас., *хромосфера*) ва *хром* нисбат доштанро ифода мекунад.

**ХРОМОСО́МА,** [< юн. chroma ранг + soma ҷисм]. *биол*. Унсури ядрои ҳуҷайраи организми ҳайвонот ва наботот, ки дар рафти мубодилаи моддаҳои ҳуҷайра ва аз

насл ба насл интиқол додани аломатҳо ва хусусиятҳои организм фаъолона иштирок мекунад; Х. дорои иттилооти ирсӣ мебошад.

**ХРОМОСФЕ́РА,** [< юн. chroma ранг + sphaira кура]. *астр*. Қабати берунии атмосфераи Офтоб, ки ғафсиаш 7-8 ҳазор км буда, дар вақти гирифтани Офтоб дар гирди он монанди ҳошияи (ҳолаи) сурх намоён мешавад.

**ХРО́НИКА,** [< юн. chronos вақт]. **1**. Асаре, ки дар он воқеаҳои таърихӣ пай дар пай, мувофиқи санаашон навишта шудаанд; солнома. **2**. Дар матбуот, радио, телевизион – хабарҳои тоза аз ҳаёти ҳаррӯзаи ҷомеа. **3**. Филми ҳуҷҷатӣ, ки ба воқеаҳои ҷории ҳаёти ҷомеа бахшида шудааст.

**ХРОНО...,** [< юн. chronos вақт]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки маънои “вақт”-ро ифода мекунад, мас., *хронология, хронография*.

**ХРОНОЛО́ГИЯ,** [< *хроно...* + *...логия*]. **1**. Илме, ки таърихи солномаҳоро меомӯзад. **2**. Рӯихати воқеаҳо, ҳодисаҳо бо тартиби замонӣ, яъне мувофиқи санаи рӯй доданашон.

**ХРОНО́МЕТР,** [< *хроно...* + *...метр*]. Соати хеле дақиқ, ки дар астрономия, геодезия, баҳрнавардӣ ва ғ. истифода мешавад.

**ХУК,** [англ. hook]. *варз*. Дар бокс – зарбаи паҳлӯӣ аз наздик. || Мқс. апперкот.

**ХУ́НТА,** [< исп. junta. иттиҳод]. **1**. Номи иттифоқҳо, иттиҳодияҳо дар мамлакатҳои испанизабон. **2**. Гурӯҳҳои иртиҷоӣ дар баъзе мамлакатҳои Амрикои Лотинӣ, ки баъди табаддулоти давлатӣ ба сари ҳокимият омадаанд.

**ХЭНД,** [англ. hand кафи даст]. Воҳиди дарозӣ дар системаи англисии воҳидҳо; 1 хэнд ба 4 *дюйм* ё ба 10,16 см баробар аст.

# Ч

**ЧАЙНВО́РД,** [англ. chain-word < chai занҷир word калима]. Як навъ чистон, ки катакҳои паси ҳам ҷойгиршударо бо калимаҳои дахлдор (аз рӯи савол) пур мекунанд; ҳарфи охирини калимаи аввал бояд ҳалфи аввали калимаи оянда бошад.

**ЧА́РТЕР,** [англ. charter]. **1**. Шартнома дар бораи ба иҷора додани киштӣ ё ҳавопаймо, ки дар байни соҳиби он ва иҷорагир баста мешавад. **2**. Ниг. *грамота*, *хартия*.

**ЧАТ,** [англ. chat]. *инф*. Суҳбат, муколама дар *сайтҳои* компютерӣ дар реҷаи вақти воқеӣ.

**ЧАТУРА́НГА,** [< санск.]. Дар Ҳиндустони Қадим – як навъ мӯҳрабозӣ, пешгузаштаи шоҳмот; шатранҷ муарраби Ч. аст.

**ЧЕБУРЕ́К**, [заб. тоторҳои қримӣ.]. Як навъ санбӯсаи паҳну тунуки гӯштин, ки дар равған мепазанд.

**ЧЕЙН**, [англ. chain]. Воҳиди дарозӣ дар феҳристи ченакҳои англисӣ, ки ба 22 *ярд* ё 20,1168 м баробар аст. || Мқс. мил, фут.

**ЧЕК,** [англ. check]. **1**. Ҳуҷҷати махсусе, ки дар асоси он аз бонк пул мегиранд ё пул мегузаронанд. **2**. Ҳуҷҷати (*талони*) хазина (*касса*), ки дар он маблағи барои мол гирифташуда нишон дода шудааст.

**ЧЕМПИО́Н**, [англ. champion]. *варз*. Варизишгар ё дастаи варзишие, ки дар мусобиқа ҷои якумро гирифтааст.

**ЧЕМПИОНА́Т**, [англ. championnat]. *варз*. Мусобиқаи варзишӣ барои гирифтани ҷои аввал. || Мқс. турнир.

**ЧИ́ЗБУРГЕР,** [англ. cheeseburger]. Кулчаи дар байнаш панир ва хӯришҳои диг. гузошташуда. || Мқс. гамбургер.

**ЧИ́ЗЕЛ (ЧИ́ЗЕЛЬ),** [англ. chisel]. *кшв*. Заминнармкунак.

**ЧИП,** [англ. chip]. *инф., тех*. Асбоби электронии дорои *микросхема* барои таҳияи барномаи ҳисоббарор, кушодан ё ба кор даровардани ин ё он таҷҳизот.

**ЧИПС,** [англ. chips]. Картошкабирёни хушк.

**ЧОЙ,** [рус. чай < заб. хитоиёни шимолӣ cha ча < заб. тайванӣ тсай]. Растании ҳамешасабзе, ки баргҳои онро ба таври махсус хушконда, барои тайёр кардани нӯшокии гарми хушбӯй истифода мебаранд, инчунин худи ҳамин нӯшокӣ.

**ЧОЙНИ́К,** [рус. чайник]. Зарфи ҷумаку дастадор барои дам кардани чой.

# Ҷ

**ҶАЗ**, [англ. jazz]. *мус*. **1.** Як навъи санъати мусиқӣ, ки охири асри 19 ва аввали асри 20 аз омехтаи (*синтези*) фарҳанги мусиқии Аврупо ва Африқо ба вуҷуд омада, пеш аз ҳама дар байни зангиёни ИМА паҳн гашт; ҷази симфонӣ - ҳайати ҷаз, ки ба он асбобҳои оркестри симфонӣ (ғижжак, виолончел ва ғ.) илова карда шудааст. **2**. Ниг. *ҷаз-банд*.

**ҶАЗ-БАНД**, [англ. jazz-band]. *мус*. Дастаи мусиқие (оркестре), ки аз асбобҳои мусиқии нафасӣ, зарбдор ва ғулғулаандоз иборат буда, мусиқии ҷазро менавозад.

**ҶАЗМЕ́Н**, [англ. jazz-man < jazz + man одам]. Навозандаи оркестри ҷаз.

**ҶАЗ-РОК**, [англ. jazz-rock]. *мус*. Яке аз равияҳои мусиқии рок, ки солҳои 60-уми асри 20 дар асоси синтези он бо ҷаз пайдо шудааст.

**ҶАКУ́ЗИ**, [англ. jacuzzi]. *Ваннаи* калони гарм кардашавандае, ки обаш аз таг ва атроф ҷуш зада меистад.

**ҶАНК, ҶАНК-АРТ**, [англ. junk пайваст кардан + art санъат]. Ашёи санъати тасвирӣ, ки рассомон ё муҷассамасозон аз оҳанпораҳо, ҳар хел чизҳои кӯҳнаи нодаркор, партов ва ғ. сохтаанд.

**ҶЕК-ПО́Т**, [англ. jack-pot]. Бурди калонтарини лоторея, ки аз ҳисоби ҳамроҳ кардани маблағи дар тиражи гузашта буриданашуда таъсис ёфтааст.

**ҶЕМ**, [англ. jam < to jam фишурдан]. Мураббои ғафсе, ки аз меваи афшурда тайёр мекунанд. // Мқс. конфитюр.

**ҶЕ́МПЕР**, [англ. jumper]. Куртаи аз пашм ё абрешим бофташудаи бегиребон ва бетугма; то солҳои 20-уми асри XX либоси варзишӣ ба ҳисоб мерафт. || Мқс. пуловер, свитер.

**ҶЕМСОНИ́Т**, [англ. jamesonite]. *маъд*. Маъдане, ки аз сулфиди сурб, оҳан ва сурма таркиб ёфтааст; аз он сурб ҳосил мекунанд.

**ҶЕ́НТЛМЕ́Н**, [англ. gentleman]. **1**. Дар Англия – шахсе, ки қоидаю меъёрҳои рафтори дар ҷомеа қабулшударо қатъиян риоя мекунад. **2**. Одами боадаб ва хушмуомила; ҷавонмард.

**ҶЕ́НТРИ**, [англ. gentry]. Дворянҳои камзамин дар Англия.

**ҶЕ́РСИ**, [англ. jersey – аз номи ҷазираи Ҷерси]. **1**. Матои бофтаи пашмин ё абрешимин. **2**. Либоси аз ҳамин матоъ дӯхташуда.

**ҶИ́ГА**, [англ. jig]. Рақси халқии англисӣ, ки тез ва мавзун иҷро карда мешавад.

**ҶИГИ́Т, ЙИГИ́Т**, [турк.]. **1**. Ҷавон; ҷавонмард. **2**. Чобуксавор; аспсавори моҳиру ҷасур.

**ҶИГИТО́ВКА,** [< *ҷигит*]. **1**. Чобуксаворӣ. **2**. Яке аз жанрҳои сирк, ки аз аспдавонӣ ва машқҳои *акробатӣ* дар болои аспи давон иборат аст.

**ҶИМ КРО́У**, [англ. Jim Crow Ҷими Зоғ]. *кӯҳна*. Номи таҳқиромези сиёҳпӯстони амрикоӣ.

**ҶИМКРОУИ́ЗМ,** [< англ. Jim Crow Ҷими Зоғ]. *кӯҳна*. Яке аз шаклҳои поймолкунии ҳуқуқи зангиён, паст задан ва аз сафедпӯстон ҷудо кардани онҳо дар ИМА.

**ҶИН**, [англ. gin]. Як навъ арақи англисӣ, ки аз меваи ардаҷ тайёр карда мешавад.

**ҶИ́НГО**, [англ. jingo]. Лақаби шовинистони ашаддии англис, ки дар нимаи дуюми асри 19 пайдо шуда буданд.

**ҶИНС**, [англ. jeans < Jenon Генуя]. Шими аз матои бақуввати пахтагӣ дӯхташуда (чунин матоъро пештар дар музофоти Генуяи Италия барои бодбони киштиҳо мебофтанд).

**ҶИП**, [англ. jeep]. Автомобили сабукрави ҳарҷогард ва тагбаланди амрикоӣ; аввалҳо – автомобили ҳарбӣ. || Мқс. вездеход.

**ҶИРГА́**, [пушту]. Мақоми ҳокимияти давлатӣ дар Афғонистон.

**ҶИ́У-ҶИ́ТСУ**, [яп.]. Набарди японӣ – муҳофизат ва ҳуҷуми бе яроқ, ки аввали асри 13 дар байни *самурайҳо* пайдо шудааст; усулҳои асосии он: зарба ба ҷойҳои нозуки бадан, тоб додану шикастани буғумҳо, буғӣ кардан ва ғ.; *дзюдо* ва *карате* ба **Ҷ.-Ҷ.** асос ёфтаанд.

**ҶО́ББЕР**, [англ. jobber]. *тиҷ*. Миёнарави биржа, ки танҳо бо миёнаравҳои биржаҳои дигар амалиёти биржавӣ анҷом дода метавонад. || Мқс. брокер, дилер.

**ҶО́ГГИНГ**, [англ. jogging]. *варз*. Роҳгардии тез; дави суст барои нигоҳ доштани саломатӣ.

**ҶО́ЙСТИК**, [англ. joystick]. *инф*. **1**. Асбоб барои идора кардани *курсор* дар экрани *дисплей* ва ворид намудани маълумот ба компютер. **2**. Асбоби дастадор ва тугмадор барои идора кардани ҳаракати *объекти виртуалии* дар *монитор* аксёфта дар фазои як, ду ё сеченакӣ; бештар дар бозиҳои компютерӣ истифода мешавад.

**ҶО́КЕР**, [англ. joker ширинкор, масхарабоз]. Дар қартабозӣ – қартаи махсус, ки дар он сурати масхарабоз тасвир ёфтааст; дар баъзе намудҳои қартабозӣ соҳиби **Ҷ.** метавонад бо хоҳиши худаш онро ба ҷои ҳар кадом қартаи дигар истифода барад.

**ҶОНАТА́Н**, [англ. Jonathan]. **1**. Навъи себҳои ширини америкоӣ, ки пӯсти сурхи ғафс дорад. **2**. *кӯҳна*. Номи умумии шаҳрвандони ИМА. || Мқс. гринго, янкиҳо.

**ҶО́УЛ**, [англ. Joule – аз номи физики англис Ҷеймс Ҷоул (1818 – 1889)]. *физ*. Воҳиди кор, энергия ва миқдори гармӣ дар Системаи байналмилалии воҳидҳо (СИ).

**ҶУГАРА́**, [санс.]. *бот*., *кшв*. Ҷуворӣ; растании яксолаи ғалладонагӣ, ки пояи наймонанди ғафс дорад; асосан барои хӯроки чорво парвариш карда мешавад.

**ҶУ́НТА**, [ит. giunta]. Мақоми иҷроияи ҳокимияти маҳаллӣ дар Италия. || Мқс. мунисипалитет, мэрия.

**ҶУТ[1]**, [банг.]. *бот*. Гиёҳи буттагии нахдоре, ки аз лифи он матоъҳои дағал ва арғамчин бофта мешавад.

**ҶУТ[2]**, [муғ.]. Муромурии чорво, мас., дар натиҷаи сӯхта нобуд шудан ё ях бастани чарогоҳҳо.

# Ш

**ШАБЛО́Н,** [ол. Schablone]. Намуна, амсила, қолаб. || Мқс. стереотип.

**ШАГРЕ́Н (ШАГРЕ́НЬ),** [фр. chagrin]. **1**. Кемухт; чарми мулоими донадор, ки аз пӯсти буз ё гӯсфанд тайёр карда мешавад. **2**. Матоъ ё коғази донадор, ки дар муқовасозӣ истифода мебаранд.

**ШАЙБА**, [ол. Scheibe]. **1**. Зергайка; ҳалқаи оҳанини миёнсӯрох, ки ба зери *гайка* ё *болт* гузошта мешавад. **2**. Гӯйи резинӣ дар хоккейи рӯи ях.

**ШАКА́Р**, [юн. sakcharon < ҳинд. қад. carkara рег]. Қанди сафеди резаи дона-дона, ки аз шираи лаблабу ё найшакар истеҳсол карда мешавад.

**ШАМА́Н,** [эвенкӣ]. Дар байни халқҳои бутпарасти шимол – бахшӣ, парихон, соҳир, табиб, фолбин, ки бо ёрии рақс, сурудхонӣ, доиранавозӣ худро ба ваҷд (*транс*) оварда, гӯё аз арвоҳ барои бемор ё барои рафъи ягон офат мадад мепурсад.

**ШАМБЕРЙЕ́Р (ШАМБЕРЬЕ́Р),** [фр. chambriere]. Тозиёнаи дарози ромкунандагон (дар сирк).

**ШАМПИНЙО́Н (ШАМПИНЬО́Н),** [фр. champignon]. Як навъ занбурӯғи сафеди хӯрданӣ.

**ШАМПО́Н** [< рус. шампанское – аз номи Шампон ном музофоти Фаронса]. Як навъ майи ангурии кафккунанда, ки дар таркибаш гази ангидриди карбон дорад.

**ШАМПУ́Н (ШАМПУ́НЬ),** [англ. campoo < ҳинд. champna омехтан]. Собуни моеи хушбӯй, ки асосан барои саршӯӣ истифода мешавад.

**ШАНТА́Ж,** [фр. chantage]. Тарсондан бо роҳи таҳдиди фош намудани сир ё маълумоти бадномкунанда.

**ШАПИТО́,** [фр. chapiteau]. Чодар (хайма, хиргоҳ)-и калони одатан брезентӣ барои намоишҳои сирки сайёр, инчунин худи сирки сайёре, ки дар чунин чодар ҳунарнамоӣ мекунад.

**ШАРАБА́Н,** [< фр. chara ароба + banc харак]. **1**. Аробаи болокушоди чорчарха, ки чанд қатор харакҳои кӯндаланг дорад. **2**. Аробаи дучархаи якаспа.

**ШАРЖ,** [фр. charge]. Сурати ҳаҷвӣ ва шӯхиомези касе, чизе.

**ШАРФ,** [фр. echarpe]. Гарданпеч, гарданбанд.

**ШАССИ́,** [фр. chassis]. **1**. Ром, қолабпояи мошин, ки қисмҳои диг. (чархҳо, муҳаррик, суръатбардор ва ғ.) ба он насб карда мешаванд **2**. Ҷиҳози ҳавопаймо ё чархбол барои суст кардани зарба ҳангоми ба замин нишастан.

**ША́ХТА,** [ол. Schacht]. **1**. Кон. **2**. Нақби амудӣ ё нишеби конҳо, ки ба рӯи замин роҳи баромад дорад. **3**. Корхонаи саноати кӯҳӣ, ки бо истихроҷи сарватҳои зеризаминӣ машғул мебошад.

**ША́ШКА,** [рус.]. **1**. Бозии рӯмизӣ, ки бо тахтаи дорои 64, 100 ё 144 катак ва донаҳои сиёҳу сафед бозӣ мекунанд. **2**. Қурса; қуттичаи пур аз моддаҳои дуддиҳанда ё тарканда, ки дар корҳои ҳарбӣ истифода мешавад. **3**. Шамшер.

**ШВА́БРА,** [ҳол. zwabber]. Пайкора; асбоби чилликмонанди дастадароз, ки ба нӯгаш латта печонда фаршро мешӯянд; баъзан ба ҷои латта лиф истифода мешавад.

**ШВАРТО́В,** [ҳол. zwaartouw]. Миҳор; маҳор; арғамчини ғафс, симтаноб ё занҷир барои бастани киштӣ ба мехи бандар ё ба киштии диг.

**ШВЕ́ЙТСАР (ШВЕ́ЙЦАР),** [ол. Schweizer]. Дарбони меҳмонхона, тарабхона ва ғ.

**ШВЕ́ЛЛЕР,** [ол. Schweller]. Новаболор; болори пӯлодини новамонанд.

**ШЕВРО́Н,** [фр. chevron]. Атфи остин; аломати зовияшакли сари остини либоси низомӣ.

**ШЕЗЛО́НГ,** [фр. chaise longue курсии дароз]. Як навъ роҳаткурсии катмонанд, ки пуштаки нишеб ва ҷои нишасти дароз дорад.

**ШЕЛФ (ШЕЛЬФ),** [англ. shelf]. Тунукоб, пастоб.

**ШЕРЕ́НГА,** [пол. szereg]. Чунин сафи низомиён, ки дар он одамон дар як хат паҳлӯи якдигар рӯ ба як тараф меистанд.

**ШЕРИ́Ф**, [англ. sheriff]. Дар Англия, ИМА, Ирландия – шахси мансабдоре, ки вазифаҳои маъмурӣ, полисӣ ва судиро иҷро мекунад.

**ШЕФ,** [фр. chef]. **1**. Сардор, роҳбар. **2**. Сарпараст; шахс, корхона, ташкилоте, ки ба ягон шахс, корхона, ташкилоти диг. мунтазам ёрии маҷҷонӣ мерасонад.

**ШИ́ВА,** [санскр.]. Дар динҳои бараҳмания ва ҳиндуия – яке аз се худои олӣ – худои хаprobкор.

**ШИЗОФРЕНИ□Я,** [< юн. schizo тақсим мекунам + phren ақл, хирад]. *тиб*. Маҷзубият; як навъ бемории рӯҳӣ, ки бо ҳазён, ҳарзагӯӣ, ошуфтагии асабҳо, рафторҳои ноҷо ва бемантиқ зоҳир мегардад.

**ШИ́ЛЛИНГ,** [англ. shilling]. **1**. Тангаи англисӣ, ки то соли 1971 дар муомилот буд, баробари 1/20 *фунт стерлинг*. **2**. Воҳиди пули Австрия, Зеландияи нав, Ирландия ва баъзе мамлакатҳои Африқо, ки ба 100 *сент* баробар аст.

**ШИМПАНЗЕ́,** [фр. chimpanze]. Маймуни одамшакли африқоӣ. || Мқс. горилла, орангутанг.

**ШИ́НА,** [ол. Schiene]. **1**. Қисми резинии чархи мошин, ҳавопаймо ва ғ. **2**. *тиб*. Тахтачаи устухонбандӣ, шикастабандӣ.

**ШИНЕ́Л (ШИНЕ́ЛЬ),** [фр. chenille]. Либоси рӯи ҳарбиён. || Мқс. палто.

**ШИ́РМА,** [ол. Schirm]. **1**. Пардаи чорчӯбадор; дар хона, театр, сирк ва ғ. барои аз назар пинҳон кардани чизе истифода мешавад. **2**. *мағ*. Ниқоб, парда.

**ШИ́ФЕР,** [ол. Schiefer]. **1**. Варақсанги сиёҳ. **2**. Масолеҳи бинокорӣ – лавҳаи тунуки мавҷнок ё ҳамворе, ки аз варақсанг ё аз омехтаи асбесту семент тайёр карда мешавад; асосан барои пӯшондани бом истифода мебаранд.

**ШИФО́Н,** [фр. chiffon]. Як навъ матои нафиси пахтагӣ ё абрешимӣ.

**ШИФОНИЙЕ́Р (ШИФОНЬЕ́Р),** [фр. chiffonier]. Ҷевони либос. || Мқс. гардероб (маънои 1).

**ШИФР,** [фр. chiffre]. **1**. Рамз; маҷмуи аломатҳои шартӣ барои навиштани мактуби махфӣ. **2**. Аломати шартӣ барои ба қайд гирифтани китобҳои китобхона, ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва ғ.

**ШКИВ,** [ҳол. schijf]. Чархе, ки тасма ё арғамчини чархгардонро ба ҳаракат меорад.

**ШЛАГБА́УМ,** [ол. Schlagbaum]. Ғави поёну болошаванда барои муддате бастани роҳ.

**ШЛАК,** [ол. Schlacke]. Дажғол.

**ШЛАМ,** [ол. Schlamm лойқа]. **1**. Маҳсули хокамонанди мобайнии корхонаи металлургӣ, ки дар таркибаш металлҳои асил дорад. **2**. Таҳшинҳои лойқамонанд ё кулӯхмонанди ҳалнашаванда дар дегхонаҳои буғӣ. **3**. Зарраҳои хурди сахте, ки баъди таҳшиншавӣ ё полоиши моеъҳо боқӣ мемонанд.

**ШЛАНГ,** [ол. Schlange мор]. Рӯдаи мулоими резинӣ, брезентӣ ё пластикӣ барои интиқоли моеот ё газ.

**ШЛЕЙФ,** [ол. Schleppe]. **1**. Домани дарози ақиби куртаи занон, ки заминро рӯфта меравад; *трен* низ гӯянд. **2**. *кшв*. Мола, сихмола.

**ШЛЮП,** [ҳол. sloep]. **1**. Киштии сесутунаи ҳарбӣ. **2**. Киштии баҳрии бодбондори яксутуна.

**ШЛЮ́ПКА,** [ҳол. sloep]. Завраќи белдор дар киштӣ, ки ҳангоми зарурат ба об фуровярда мешавад.

**ШЛЯ́ГЕР,** [ол. Schlager]. Асари мусиқие (маъмулан суруди эстрадӣ), ки як муддат машҳур ва писанди мардум гаштааст.

**ШЛЯ́ПА,** [ол. Schlappe]. **1**. Як навъ кулоҳи гирдаш лапардор. **2**. *мақ*. Одами даҳаняла.

**ШНАПС,** [ол. Schnaps]. *гуфт*. Шароб, арақ.

**ШНИ́ТСЕЛ (ШНИ́ЦЕЛЬ),** [ол. Schnitzel]. *Котлета* аз гӯшти кӯфта ё бо корд реза кардашуда. || Мқс. бифштекс, ромштекс.

**ШОВИНИ́ЗМ,** [фр. chauvinisme – аз номи Н. Шовен – қаҳрамони пйесаи бародарон Конярҳо “Нишони серанга” ]. Миллатчигии ашаддӣ, нафрату адоват нисбат ба ҳалқу нажодҳои дигар.

**ШОКОЛА́Д,** [ол. Schokolade]. **1**. Маҳсулоти қаннодии тахтачашакле, ки аз *какао*, шакар, шир ва ғ. тайёр карда мешавад. **2**. Нӯшокии ширине, ки аз хокаи ҳамин маҳсулот тайёр мекунанд.

**ШО́МПОЛ,** [ол. Schompol]. Сими махсус барои тоза кардани милтиқ.

**ШОП,** [англ. shop]. Фурӯшгоҳ, мағоза, дӯкон.

**ШО́ПЕР,** [англ. shopper]. Мутахассиси корхонаи тиҷоратӣ ё фурӯшгоҳи калон, ки ба харидорон дар интихоби мол маслиҳату машварат медиҳад, шартҳои нисбатан фоиданоки хариди молро тавсия менамояд.

**ШО́ПИНГ,** [англ. shopping]. Мағозагардӣ; мағоза ба мағоза гаштан бо мақсади харидани мол ё тамошо (бештар ҳангоми сафарҳои хориҷӣ).

**ШО́П-ТУ́Р,** [англ. shop фурӯшгоҳ, мағоза + tour саёҳат, сайр]. Сафар ба хориҷа бо мақсади харидани молҳои даркорӣ.

**ШОРТ, ШОРТИК,** [< англ. short кӯтоҳ]. Шими кӯтоҳи аз зону боло.

**ШОССЕ́,** [фр. chaussee]. Роҳи мошингарди бетонӣ ё мумфарш.

**ШОУ,** [англ. show]. **1**. Намоиши ҷаззоб ва ҳаяҷонбахши эстрадӣ. **2**. Ягон амали намоишкорона бо мақсади худнамоӣ ва таъсир расондан ба афкори дигарон.

**ШО́У-БИ́ЗНЕС,** [< *шоу* + *бизнес*]. Соҳаи фаъолият, ки бо ташкил ва гузарондани *шоу* (консерти эстрадӣ, озмуни маликаи ҳусн, намоиши либосҳои мӯд ва ғ.) алоқаманд мебошад.

**ШО́УМЕН,** [< *шоу* + англ. man одам]. Мутахассиси шоу-бизнес (ниг. *шоу-бизнес*).

**ШОФЁР,** [фр. chauffeur]. Ронандаи автомобил, автобус, мошини боркаш.

**ШПАГА́Т,** [ол. Spagat]. **1**. Канаб; як навъ ресмони бақувват. **2**. *варз*. Пойҳоро дар як хат ба ду тараф ғеҷонда дароз кардани варзишгар.

**ШПАКЛЁВКА,** [рус.]. **1**. Ғӯрагаҷ; хамираи махсус барои молида ҳамвор кардани роғ ва ноҳамвориҳои девор. **2**. Ғӯрагаҷмолӣ пеш аз ранг кардани девор.

**ШПА́ЛА,** [ҳол. spalk]. Ғӯлаҳои чӯбин ё оҳану бетонӣ, ки ба таги роҳи оҳан (*релсҳо*) мегузоранд.

**ШПА́ТЕЛ (ШПА́ТЕЛЬ),** [ол. Spatel]. **1**. Белчаи бинокорон барои омехта кардан ва молидани ранг, семент, гаҷ ва ғ. **2**. Белчаи тиббӣ барои пахш кардани забон дар вақти муоинаи даҳону гулӯ.

**ШПИК,** [ол. Speck]. **1**. Чарбуи зерипӯстии хук. **2**. Ҷосус; *агенти* махфии полис.

**ШПИЛ (ШПИЛЬ),** [ҳол. Spil]. Гунбади нӯгтези конусшакли иморат.

**ШПИ́НДЕЛ (ШПИ́НДЕЛЬ),** [ол. Spindel]. **1.** Тири даврзанандаи дастгоҳи харротӣ, мошин ва ғ.. **2**. Дуки ҳалоҷӣ.

**ШПРИТС (ШПРИЦ),** [ол. Sprizen]. Олати тазриқ – зарфчаи шаффофи дорои *поршен* ва сӯзан барои доругузаронӣ ба бадан ё кашида баровардани моеот аз бадан.

**ШТА́НГА,** [ол. Stange]. **1**. Тири металлӣ, ки дар бисёр дастгоҳҳо, асбобҳо, мошинҳо истифода мешавад. **2**. Олати (*снаряди*) варзишӣ – тири металлие, ки дар нӯгҳояш қурсҳои вазнин дорад, инчунин намуди варзиш оид ба бардоштани чунин олат. **3**. Болочӯб ва пояҳои дарвозаи футбол ва хоккей.

**ШТАНДА́РТ,** [ол. Standarte]. **1**. Парчами полк. **2**. Дар баъзе мамлакатҳо – парчами сардори давлат.

**ШТА́ПЕЛ (ШТА́ПЕЛЬ),** [ол. Stapel]. Нахи химиявие, ки аз торҳои кӯтоҳи якхела иборат аст, инчунин матое, ки аз ҳамин гуна нах бофта шудааст.

**ШТАТ¹,** [< лот. status мақом, ҳолат]. **1**. Баст; ҳайати кормандони муассиса, корхона. **2**. Рӯихати мансабҳо, вазифаҳо, ки барои муассиса, корхона таъйин шудааст.

**ШТАТ²,** [< ол. Staat давлат]. Иёлат; воҳиди ҳудудию маъмурӣ дар баъзе мамлакатҳо (мас., дар ИМА, Ҳиндустон), ки якчанд ноҳия ва вилоятро дар бар мегирад. ‖ Мқс. губерния.

**ШТАТИ́В**, [ол. Stativ]. **1**. Пояи амудии дорои қапакҳо барои дошта истодани зарфҳои гуногун (*колба, шишанайча* ва ғ.); бештар дар озмоишгоҳҳои химиявӣ истифода мешавад. **2**. Сепояи асбобҳои суратгирӣ, геодезӣ, астрономӣ.

**ШТЕ́МПЕЛ (ШТЕ́МПЕЛЬ),** [ол. Stempel]. Мӯҳр, тамға.

**ШТЕ́ПСЕЛ (ШТЕ́ПСЕЛЬ),** [ол. Stopsel]. Васлаки сими асбобҳои барқӣ барои пайваст кардан ба шабакаи электр. ‖ Мқс. вилка (маънои 2).

**ШТО́ПОР**, [ҳол. stopper]. **1**. Пӯккашак; асбоби пармачамонанд барои кашида баровардани пӯки шиша. **2**. Дар гирди меҳвари худ чархзанон фуруд омадан ё парвоз кардани ҳавопаймо.

**ШТРЕЙКБРЕ́ХЕР**, [ол. Streikbrecher]. Коргаре, ки дар ҳаққи коргарони дигар хиёнат карда, дар вақти корпартоӣ кор мекунад.

**ШТРЕ́К,** [ол. Strecke]. *геол.* Долони уфуқии кон.

**ШТУ́РМАН,** [ҳол. stuurman]. Мутахассисе, ки самти ҳаракати киштӣ ва ҳавопайморо муайян ва киштирониро ба ин самт таъмин мекунад.

**ШУРУ́П,** [ол. Schraube]. Мурват; мехи печдор.

**ШУ́ТЕР,** [англ. shooter]. Бозии электронӣ – “тирандозӣ” ба ҳадафи ҳаракаткунанда.

# Э

**ЭВАКУА́ТОР,** [< лот. evacuatio холӣ кардан]. *тех*. Мошини махсуси крандор барои бор карда бурдани автомобилҳои сабукрав аз ҷои садама, инчунин аз ҷое, ки барои таваққуф таъйин нашудааст.

**ЭВАКУА́ТСИЯ (ЭВАКУА́ЦИЯ),** [< лот. evacuatio холӣ кардан]. **1**. Аз ҷойҳои хатарнок кӯчондани одамон, корхонаю муассисаҳо, инчунин моликият ва таҷҳизоти онҳо (дар вақти ҷанг, офатҳои табиӣ ва ғ.). **2**. *тиб*. Холӣ ва тоза кардани узв ё тамоми организм аз ягон модда.

**ЭВДИО́МЕТР**, [< лот. eudios тоза + ...*метр*]. **1**. Азбоб барои таҳлили газ. **2**. Асбоб барои аз оксиген ва гидроген ҳосил кардани об бо ёрии шарораи электр.

**ЭВКАЛИ́ПТ**, [юн. eukaliptos]. Дарахти ҳамешасабзи австралӣ, ки қадаш баъзан то 100 м мерасад; равғани эфири онро дар тиб, саноати атторӣ, чӯбашро дар киштисозӣ истифода мебаранд.

**ЭВОЛЮТСИОНИ́ЗМ (ЭВОЛЮЦИОНИ́ЗМ),** [< лот. evolution инкишоф + пасв. -*изм*]. *биол*. Таълимот дар бораи қонунҳои инкишофи таърихии олами органикӣ ва роҳҳои идора кардани инкишофи организмҳо.

**ЭВОЛЮ́ТСИЯ (ЭВОЛЮ́ЦИЯ),** [< лот. evolution инкишоф]. Инкишоф ва таҳаввули тадриҷӣ.

**Э́ВРИКА,** [< юн. eureka! ёфтам! – нидои Архимед ҳангоми қонуни асосии гидростатикаро кашф карданаш]. Нидои шодмонӣ ва пурҳаяҷон баъди ёфтани роҳи ҳалли ягон масъала ё ба калла омадани ягон фикри оличаноб.

**ЭВРИТМИ́Я,** [юн. eurhythmia]. Мутаносибӣ, мавзунӣ, хушоҳангӣ дар мусиқӣ, рақс, нутқ.

**ЭВРИФА́ГҲО,** [< юн. eurus васеъ + ...*фаг*]. *зоол*. Ниг. *полифагҳо*. || Мқс. монофагҳо.

**ЭВТАНА́ЗИЯ,** [< юн. eu хуб + thanatos марг]. Мусоидат ба марги бемори шифонопазир бо мақсади наҷот додани ӯ аз дарду азоби тоқатшикани пеш аз марг.

**ЭВТРО́ФҲО,** [< юн. eu хуб + trophe ғизо]. *бот.* Растаниҳое, ки танҳо дар заминҳои серғизо зиндагӣ карда метавонанд. || Мқс. мезотрофҳо.

**ЭВФИМИ́ЗМ,** [< юн. eu хуб + phemi гап мезанам]. *зби.* Калима ё иборае, ки ба ҷои калима ё ибораи дағал ё беодобона истифода бурда мешавад, мас., ба ҷои "буғӯз" – "дуҷон"ё"ҳомила", ба ҷои "мурд" – "аз олам даргузашт".

**ЭГАЛИТАРИ́ЗМ,** [< фр. egalite баробарӣ]. *фалс.* Таълимоти фалсафие, ки бартараф намудани зиддияту мушкилоти иҷтимоиро бо роҳи баробар тақсим кардани моликияти хусусӣ имконпазир медонад.

**ЭГОИ́ЗМ,** [< лот. ego ман + пасв. -*изм*]. Худбинӣ, худпарастӣ; манфиати шахсии худро аз манфиати дигарон, аз манфиати ҷамъият боло гузоштан; баръакси *алтруизм*.

**ЭГОТИ́ЗМ,** [< лот. ego ман + пасв. -*изм*]. Такаббур, кибр, манманӣ; худро аз дигарон боло гузоштан, ба шахсият ва хизматҳои худ аз будаш зиёд баҳо додан.

**ЭГОСЕНТРИ́ЗМ (ЭГОЦЕНТРИ́ЗМ),** [< лот. ego ман + cetrum марказ]. Дар маркази тамоми олам гузоштани "ман"-и инсон; *индивидуализми* гузаро. || Мқс. эготизм.

**ЭДИ́КТ,** [лот. edictum]. Маншур, фармони бағоят муҳими сардори давлат дар баъзе мамлакатҳо.

**ЭЖЕ́КСИЯ (ЭЖЕ́КЦИЯ),** [фр. ejection]. Раванди омехташавии ду ҷисми гуногун (мас., об ва буғ, об ва рег), ки ҳангоми он як ҷисм зери фишор қарор дошта, ба ҷисми дигар таъсир мерасонад (ба худ мекашад, ба тарафи даркорӣ тела медиҳад ва ғ.).

**ЭЗОТЕРӢ,** [юн. esoterikos]. Махфӣ, ниҳонӣ, пӯшида; баръакси *экзотерӣ*.

**ЭЙДЕТИ́ЗМ,** [< юн. eidos шакл]. *психол.* Қобилияти муддати дароз дар хотир нигоҳ доштани шакл, симои ашёи аз назар дуршуда.

**ЭЙНШТЕ́ЙН,** [аз номи олими физик А. Эйнштейн (1879-1955)]. Воҳиди энергия, ки дар фотохимия (ниг. *фотохимия*) истифода мешавад.

**ЭЙНШТЕ́ЙНИЙ,** [аз номи олими физик А. Эйнштейн (1879-1955)]. Элементи химиявии радиоактив аз оилаи *актиноидҳо*, ки соли 1954 ба таври сунъӣ ҳосил карда шудааст.

**ЭЙС,** [англ. ace]. Дар волейбол – хол ба бозигар, агар тӯби партофтаи ӯро аз дастаи ҳариф ягон кас гардонда натавонад.

**ЭЙФОРИ́Я,** [юн. euphoria]. *тиб.* Хушҳолӣ, табъи хуш, димоғчоқие, ки бо вазъияти объективӣ мувофиқат намекунад; ҳангоми фалаҷ, *атеросклероз*, лат хӯрдани мағз ва ғ. мушоҳида мешавад.

**ЭКВА́ТОР,** [лот. aequator < aequus баробар]. Хати истиво; хати фарзии Кураи Замин, ки аз ҳарду қутби Замин дар масофаи баробар ҷойгир шуда, онро ба ду нимкура – Нимкураи Шимолӣ ва Нимкураи Ҷанубӣ ҷудо мекунад.

**ЭКВИВАЛЕ́НТ,** [< лот. aequus баробар + valens бақувват, сиҳат]. Ягон чизи бо чизи диг. баробарарзиш, баробарқимат, баробарқувва, баробарвазн.

**ЭКВИЛИБРИ́СТИКА,** [< лот. aequilibris дар мувозинат қарордошта]. Дар санъати сирк – машқу бозиҳои чобукона дар болои ашёи ноуствор (мас., дар болои дор, курсиҳои болоиҳам гузошташуда ва ғ.), ки бо нигоҳ доштани мувозинат иҷро карда мешаванд.

**ЭКЗЕКУ́ТСИЯ (ЭКЗЕКУ́ЦИЯ),** [< лот. execution ба иҷро расондан]. **1**. Ҷазои ҷисмонӣ. **2**. Иҷрои ҳукми суд ё қарори маъмурӣ (қатл, мусодираи молу мулк ва ғ.).

**ЭКЗЕ́МА,** [< юн. ekzeo меҷӯшам]. *тиб*. Шукуфа; бемории пӯсти бадан, ки бо хориш, обила ва шахшӯлшавии пӯст зоҳир мегардад.

**ЭКЗО...,** [< юн. exo берунӣ, зоҳирӣ]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои берунӣ, зоҳирӣ, дар беруни чизе воқеъшуда, мас., *экзодерма*; баръакси *эндо..., энто...*

**ЭКЗОБИОЛО́ГИЯ**, [< *экзо...* + *биология*]. Ниг. *астробиология.*

**ЭКЗОГА́МИЯ**, [< *экзо...* + gamos издивоҷ]. **1**. Одате, ки аз қабила, қавм, авлоди худ зан гирифтан ё ба шавҳар баромаданро манъ мекунад; баръакси *эндогамия.* **2**. *биол.* Омехташавии ҳуҷайраҳои ҷинсии пайдоишашон гуногун. || Мқс. аутбридинг.

**ЭКЗОГЕНӢ,** [< *экзо...* + genos авлод]. **1**. Аз берун пайдошуда; бо сабабҳои берунӣ бавуҷудомада; баръакси *эндогенӣ*; р а в а н д ҳ о и  Э . – равандҳои табиие, ки бо таъсири омилҳои берунӣ (бод, об, мавҷи баҳр, пиряххо ва ғ.) ба вуҷуд меоянд.

**ЭКЗОДЕ́РМА,** [< *экзо...* + derma пӯст]. *бот.* Қабати берунии ҳуҷайраҳои пӯсти растанӣ, ки вазифаи муҳофизатиро иҷро мекунад.

**ЭКЗОСФЕ́РА,** [< *экзо...* + *сфера*]. *физ*. Қабати болоии атмосфераи Замин (баландтар аз 800-1000 км), ки аз он атому молекулаҳои газҳои сабуки атмосферӣ, бештар гидроген, ба фазо паҳн мешаванд.

**ЭКЗО́Т,** [< юн. exotikos бегона, аҷнабӣ]. *бот., зоол.* Растанӣ ё ҳайвоне, ки аз мамлакати иқлимаш тамоман дигар оварда шудааст.

**ЭКЗОТЕРМӢ,** [< *экзо...* + therme гармӣ]. *физ*. Гармидиҳанда; баръакси *эндотермӣ.*

**ЭКЗО́ТИКА,** [< юн. exotikos бегона, аҷнабӣ]. **1**. Хусусиятҳои ғайриодӣ ва аҷоиби мамлакатҳои дурдаст ва ношинос. **2**. *маҷ.* Ягон чизи (ҳодисаи) аҷоибу ғароиб, ғайриодӣ, ҳайратовар.

**ЭКЗОТОКСИ́НҲО,** [< *экзо...* + *токсин*]. *биол*. Заҳрҳое, ки микробҳои зинда ба атроф паҳн мекунанд.

**ЭКИПА́Ж,** [фр equipage]. **1**. Аробаи рессордори мусофиркаш. **2**. Ҳайати ронандагон ва диг. хизматчиёни ҳавопаймо, киштӣ, танк, киштии кайҳонӣ ва ғ.

**ЭКОЛО́ГИЯ,** [< юн. oikos хона, ватан + *...логия*]. **1**. Илм дар бораи муносибати байнияқдигарии инсон, ҳайвонот, растаниҳо ва микроорганизмҳо, инчунин муносибати онҳо бо муҳити зист. **2**. Шароити зисти ҳайвоноту наботот дар ягон минтақа, мавзеъ.

**ЭКОСИ́Д (ЭКОЦИ́Д),** [< *экология* + caedere куштан]. Хароб ва нест кардани муҳити зисти одамон бо роҳи исрофкорона истифода бурдани захираҳои табиӣ, ифлос ва заҳролуд намудан бо партовҳои зарарнок ва моддаҳои радиоактив.

**ЭКОТИ́П,** [< *экология* + *...тип*]. *бот.* Гурӯҳи фардҳои ин ё он намуди растанӣ, ки ба шароити муайяни иқлим ва замин мутобиқ гардидаанд.

**ЭКРА́Н,** [фр. ecran]. **1**. Парда ё лавҳаи сафед барои намоиш додани филм, сурат, *слайд*. **2**. Олати намоишдиҳандаи компютер, телевизор, таҷҳизоти радиолокатсионӣ ва ғ. **3**. Лавҳаи махсус барои муҳофизати одамон ва таҷҳизот аз гармӣ, рӯшноӣ, шуоъҳои зарарнок.

**ЭКСГА́УСТЕР,** [англ. exhauster]. *тех.* Бодкаш; ҳавокашак; *вентилятори* фурӯкашанда, ки дар конҳо, корхонаҳои истеҳсолӣ барои кашида берун кардани газҳои зарарнок истифода мебаранд.

**ЭКСГУМА́ТСИЯ (ЭКСГУМА́ЦИЯ),** [< лот. ex аз + humus замин]. *ҳуқ., тиб.* Аз гӯр кофта баровардани ҷасади дафншуда бо мақсади муоинаи (*экспертизаи*) тиббии судӣ ё таҳлили *патологоанатомӣ*.

**ЭКСКАВА́ТОР,** [< лот. exicavare кофта гирифтан]. Мошини заминкан, ки барои кандану ба ҷои дигар партофтани хок, лой, сангреза ва ғ. истифода мешавад.

**ЭКСКЛЮЗИВӢ,** [< лот. excludere истисно кардан]. Хоса; истисноӣ; танҳо ба як кас (ба як чиз) таъйиншуда, мутааллиқбуда, мансуббуда, мас., мусоҳибаи Э. – мусоҳибае, ки танҳо бо як сӯҳбатнигор ё танҳо дар як шабакаи телевизионӣ ороста мешавад.

**Э́КСКУРС,** [< лот. excursus руҷӯъ]. Руҷӯъ; дуршавӣ аз мавзуи асосӣ (дар вақти нутқ, навиштани чизе).

**ЭКСКУ́РСИЯ,** [< лот. excursio сайр, сафар]. **1**. Саёҳати гурӯҳӣ ба ҷойҳои тамошобоб, мас., ба осорхона, ҷойҳои таърихӣ, намоишгоҳ ва ғ. **2**. Гурӯҳи сайёҳон.

**ЭКСПАНСИОНИ́ЗМ**, [< *экспансия* + пасв. *-изм*]. Ниг. *экпансия.*

**ЭКСПА́НСИЯ,** [< лот. expansio ба тартиб даровардан]. Аз ҷиҳати иқтисодӣ ва сиёсӣ мутеъ намудани мамлакатҳои диг., зиёд намудани таъсиру нуфузи худ дар ин мамлакатҳо, ғасби заминҳои бегона.

**ЭКСПАТРИА́НТ,** [< *экспатриатсия*]. Шахсе, ки бо ягон сабаб ҷалои ватан кардааст.

**ЭКСПАТРИА́ТСИЯ (ЭКСПАТРИА́ЦИЯ),** [< лот. ex аз + patria ватан]. Ихтиёран ё маҷбуран ҷалои ватан, тарки ватан кардан. || Мқс. депортатсия.

**ЭКСПЕДИ́ТОР,** [< *экспедитсия*]. Шахсе, ки бо экспедитсия машғул аст.

**ЭКСПЕДИ́ТСИЯ (ЭКСПЕДИ́ЦИЯ),** [лот. expeditio < expedire фиристодан]. **1**. Фиристодан ва қабул кардани бор. **2**. Муассиса ё шуъбаи муассиса, ки бо фиристодану қабул кардани чизе машғул аст. **3**. Сафари гурӯҳи одамон барои иҷрои супориши махсусе, мас., Э.-и геологӣ, Э.-и илмӣ, Э-и ҳарбӣ. **4**. Аъзои ҳамин гурӯҳ.

**ЭКСПЕ́РТ,** [< лот. expertus ботаҷриба]. Коршинос; мумайиз; мутахассисе, ки ягон масъаларо омӯхта, хулосаашро пешниҳод мекунад.

**ЭКСПЕРТИ́ЗА,** [< лот. expertus ботаҷриба]. Ташхис, таҳқиқ, муоина; ягон масъаларо баррасӣ ва таҳқиқ намуда, хулоса баровардани коршиносон, мумайизон (*экспертҳо*).

**ЭКСПИРА́ТСИЯ (ЭКСПИРА́ЦИЯ),** [< лот. expirare нафас баровардан]. *збш., тиб.* Нафасбарорӣ; баръакси *инспиратсия*.

**ЭКСПЛАНТА́ТСИЯ (ЭКСПЛАНТА́ЦИЯ),** [< лот. ex аз берун + plantare парвариш кардан]. Парвариш кардани бофтаҳои ҳайвонот берун аз организм.

**ЭКСПЛО́ЗИЯ,** [< фр. explosion таркиш]. Таркиш ва фавворазании вулқон, ба рӯи замин пош хӯрдани тафта, хокистар ва шикастапораҳои вулқонӣ.

**ЭКСПОЗИ́ТСИЯ (ЭКСПОЗИ́ЦИЯ),** [< лот. expositio тавсиф]. **1**. Бо тартиби муайян ба намоиш гузоштани ашё, мас. дар осорхона, намоишгоҳ. **2**. *адш., мус.* Муқаддима; дебоча; сарахбор. || Мқс. прелюдия, пролог, увертюра.

**ЭКСПОНА́Т,** [< лот. exponatis ба намоиш гузошташуда]. Нигора; чизе, ки дар осорхона ё намоишгоҳ ба намоиш гузошта шудааст.

**ЭКСПО́РТ,** [лот. export]. Содирот; ба хориҷа баровардани мол; баръакси *импорт*.

**ЭКСПРЕ́СС,** [англ. express]. Воситаи нақлиёт (поезд, автобус ва ғ.), ки бо суръати тез ҳаракат мекунад ва танҳо дар истгоҳҳои калон меистад.

**ЭКСПРО́МТ,** [лот. expromt]. Сухан, шеър ё мусиқии бадоҳатан эҷодшуда.

**ЭКСПРОПРИА́ТСИЯ (ЭКСПРОПРИА́ЦИЯ),** [< лот. ex аз + proprius хусусӣ]. Зӯран мусодира намудани молу мулки касе.

**ЭКССУДА́Т,** [< лот. exsudare арақ кардан]. *тиб.* Моеъе, ки ҳангоми варам, газак дар бофтаҳо ва ковокиҳои бадан ҷамъ мешавад.

**ЭКСТА́З,** [< лот. exstasis ҷунун]. Ваҷд, ҷунун, бехудӣ; ҳаяҷони шадид.

**ЭКСТЕ́НЗИЯ,** [< лот. extentio ростшавӣ]. *физиол.* Ростшавии дасту по ё узвҳои диг.; баръакси *флексия*.

**ЭКСТЕНСИВӢ,** [< лот. extensivus вусъатнок]. На ба беҳтар намудани сифат, балки ба зиёд кардани миқдор равонашуда; у с у л ҳ о и э к с т е н с и в и и х о ҷ а г и д о р ӣ – усулҳои хоҷагидорие, ки на ба истифодаи техникаю

технологияҳои муосир ва баланд бардоштани ҳосилнокии замин, балки фақат ба зиёд кардани заминҳои кишт асос ёфтаанд; баръакси *интенсивӣ*.

**ЭКСТЕ́РН,** [< лот. externus бегона]. **1**. Шахсе, ки дар муассисаи таълимӣ нахонда, мустақилона тайёрӣ мебинад ва имтиҳон месупорад. **2**. Духтури ғайриштатӣ ё донишҷӯи донишгоҳ ё коллеҷи тиббӣ, ки барои таҷрибаомӯзӣ дар беморхона кор мекунад. || Мқс. интерн.

**ЭКСТЕРНА́Т,** [< *экстерн*]. Таҳсил бо усули *экстерн* – бо роҳи худомӯзӣ тайёрӣ дида, имтиҳон супурдан.

**ЭКСТЕРЙЕ́Р (ЭКСТЕРЬЕ́Р),** [< лот. exterior берунӣ]. Намуди зоҳирӣ ва ҷуссаи ҳайвонот. || Мқс. интерйер.

**Э́КСТРА,** [< лот. extra аз ҳад зиёд]. Беҳтарин, олӣ (дар бораи навъи мол).

**ЭКСТРАДИ́ТСИЯ (ЭКСТРАДИ́ЦИЯ),** [< лот. ex аз + ptraditio додан]. Ба давлати хориҷӣ дошта додани шахсе, ки қонунҳои он давлатро вайрон кардааст. || Мқс. депортатсия, репатриатсия.

**ЭКСТРА́КТ,** [< лот. extractum кашида гирифташуда]. **1**. Шира, ҷавҳар – моддае, ки аз бофтаҳои растанӣ ё ҳайвонот бо ёрии ҳалкунандаи махсус кашида гирифта шудааст. **2**. Қиёми мева.

**ЭКСТРАСЕ́НС,** [< лот. extra аз ҳад зиёд + sensus ҳис]. Шахсе, ки қобилияти фавқулодаи идрок дошта, метавонад ҳиссиёти одамонро дарк кунад ва ба он таъсир расонад.

**ЭКСТРЕМИ́ЗМ,** [< лот. extremus қатъӣ]. Ифротгароӣ; ҷонибдории ақида ва чораҳои ифротӣ, қатъӣ.

**ЭКТАЗИ́Я,** [< юн. ektasis ёзидан]. *тиб*. Ёзидан, васеъ шудани узвҳои ковоки бадан, мас., нойи нафас, меъда, рагҳо ва ғ.

**ЭКТО...,** [< юн. ektos берун]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки аз ҷиҳати маъно бо калимаҳои "берунӣ", "зоҳирӣ" мувфиқ аст, мас., *эктодерма*.

**ЭКТОГЕНЕ́З,** [< *экто...* + genesis пайдоиш]. Равияе дар таълимоти эволютсионӣ, ки пайравони он инкишофи таърихии табиати зиндаро раванди бевоситаи ба муҳит мутобиқшавии организм мешуморанд.

**ЭКТОДЕ́РМА,** [< *экто...* + derma пӯст]. *биол*. Қабати берунии ҷанини ҳайвонот ва инсон дар зинаҳои аввали инкишофи он.

**ЭКЮ́,** [фр. ecu]. Тангаи қадимии тиллоӣ ё нуқрагии Фаронса дар асрҳои 13-18.

**ЭЛА́СТИК,** [лот. elasticus]. Нахи синтетикии чандир, инчунин матоъ ва либос аз ҳамин нах.

**ЭЛДОРА́ДО (ЭЛЬДОРА́ДО),** [исп. el dorado]. Мамлакати афсонавии тилло ва сангҳои қиматбаҳо, ки онро аввалин мустамликадорони испанӣ дар Амрико меҷустанд.

**ЭЛЕВА́ТОР,** [< лот. elevare бардоштан]. **1**. Анбори калони ҷиҳозонидашуда барои қабул ва тоза кардан, хушкондан ва бор карда фиристодани ғалла. **2**. Мошини конвейермонанд (ниг. *конвейер*) барои бефосила ба боло кашондани борҳои пошхӯранда.

**ЭЛЕ́ГИЯ,** [< юн. elegos нолиши най]. *адш., мус*. Шеъри лирикӣ ё асари мусиқии ҳузнангез.

**ЭЛЕКТОРА́Т,** [< лот. elector интихобкунанда]. Доираи интихобкунандагоне, ки дар интихобот ба ягон номзад ё ҳизби сиёсӣ овоз медиҳанд.

**ЭЛЕ́КТР,** [< юн. elektros каҳрабо]. **1**. Дар Юнони Қадим – каҳрабо, инчунин хӯлаи табиии тилло бо нуқра. **2**. Қ у в в а и  э л е к т р – шакли энергия, ки дар натиҷаи ҳаракати зарраҳои элементарӣ (*электронҳо, позитронҳо* ва *протонҳо*) ҳосил мешавад; қувваи барқ. **3**. Равшании аз ҳамин энергия ҳосилшаванда.

**ЭЛЕКТРИ́ЧКА,** [рус.]. *Поезди* электрӣ.

**ЭЛЕКТРО...,** [< *электр*]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки электрӣ будан ё бо электр робита доштанро ифода мекунад, мас., *электрометрия*.

**ЭЛЕКТРО́ГРАФ,** [< *электро...* + *...граф*]. Асбоб барои ба қайд гирифтани ҳолати электрии атмосфера.

**ЭЛЕКТРО́Д,** [< *электр* + hodos роҳ]. **1**. Ноқиле, ки интиҳои ин ё он занҷири электрикӣ мебошад. **2**. Қисми таркибии элементи *галванӣ*, ки ба *электролит* фурӯ дода нашуда, барои пайвасти занҷири электрикӣ хизмат мекунад. **3**. Ноқили лавҳашакл ё панҷарашакл, ки андаруни лампаи электронӣ ҷой гирифта, майдони электрикиро ба вуҷуд меорад ё ба ҷараёни электр таъсир мекунад. **4**. Олати кафшергарӣ.

**ЭЛЕКТРОДИНА́МИКА,** [< *электро...* + *динамика*]. Фасли физика, ки хусусият ва алоқаи байниҳамдигарии зарядҳои ҳаракаткунандаи электриро меомӯзад.

**ЭЛЕКТРОКА́Р,** [< *электро...* + *кар*]. Аробаи дорои муҳаррики электрикӣ (аз *аккумулятор* қувватгиранда) барои кашондани бор дар дохили корхонаи саноатӣ, вокзал, фурудгоҳ ва ғ.

**ЭЛЕ́КТРОКАРДИОГРА́ММА,** [< *электро...* + *кардиограмма*]. *тиб*. Сабти графикии ҳодисаҳои электрикие, ки дар дил ҳангоми кор кардани он рӯй медиҳанд.

**ЭЛЕКТРОКАРДИО́ГРАФ,** [< *электро...* + *кардио...* + *...граф*]. *тиб*. Асбоб барои сабт намудани ҳодисаҳои электрие, ки ҳангоми кашишхӯрии дил рӯй медиҳанд.

**ЭЛЕКТРОКАРДИОГРА́ФИЯ,** [< *электро...* + *кардиография*]. Тафтиши ҳолат ва кори дил бо ёрии асбоби махсус – *электрокардиограф*.

**ЭЛЕКТРО́ЛИЗ,** [< *электро...* + *...лиз*]. *тех., хим.* Ба қисмҳои таркибӣ ҷудо шудани моддаҳо ҳангоми аз онҳо гузаштани ҷараёни электр.

**ЭЛЕКТРОЛИ́Т,** [< *электро...* + lytos таҷзияпазир]. *тех., хим.* Моддаи химиявие, ки дар он ҷараёни электр ба тавассути ҳаракати *ионҳо* интиқол меёбад.

**ЭЛЕ́КТРОМАГНИ́Т,** [< *электро...* + *магнит*]. Олат барои ҳосил намудани майдони магнитӣ бо ёрии ҷараёни электр.

**ЭЛЕКТРО́МЕТР,** [< *электро...* + *...метр*]. Асбоб барои чен кардани тафовути нерӯи зарядҳои хурд ва ҷараёнҳои суст.

**ЭЛЕКТРОМЕ́ТРИЯ,** [< *электро...* + *...метрия*]. **1**. Маҷмуи усулҳои ченкунии электрӣ. **2**. Усули иктишофи геофизикӣ бо истифода аз тафовути қобилияти электргузаронии сарватҳои фоиданок ва ҷинсҳои кӯҳӣ.

**ЭЛЕКТРО́Н,** [< юн. elektros каҳрабо]. **1**. *физ.* Зарраи собити элементарии зарядаш манфӣ. **2**. Хӯлаи алюминий бо магний. **3**. Хӯлаи тилло бо нуқра; каҳрабо. || Мқс. электр.

**ЭЛЕКТРО́Н-ВОЛТ (ЭЛЕКТРО́Н-ВОЛЬТ),** [< *электрон* + *волт*]. *физ.* Воҳиди энергия дар физикаи атомӣ ва ядроӣ.

**ЭЛЕКТРО́НИКА,** [< юн. elektros каҳрабо]. **1**. Илм дар бораи равандҳои электронӣ (ниг. *электрон* (маънои 1)). **2**. Соҳаи техника, ки бо истеҳсол ва истифодаи асбобу таҷҳизоти электронӣ машғул аст. **3**. Асбобу таҷҳизоти истеҳсолнамудаи ин соҳа.

**ЭЛЕ́КТРОПУНКТУ́РА,** [< *электро...* + лот. punctum сӯзанзанӣ]. Навъи *рефлексотерапия* – бо *электроди* борики дорои ҷараёни электр ангезиш додани қитъаҳои аз ҷиҳати биологӣ фаъоли сатҳи бадан. || Мқс. акупунктура.

**ЭЛЕКТРОСКО́П,** [< *электрон* + *...скоп*]. Зарядсанҷ; асбоб барои пайдо ва чен кардани зарядҳои электрӣ.

**ЭЛЕ́КТРОСТА́ТИКА,** [< *электро...* + *статика*]. Фасли физика, ки хусусият ва алоқаи байниҳамдигарии зарядҳои беҳаракати (оромӣ) электриро меомӯзад. || Мқс. электродинамика.

**ЭЛЕ́КТРОТА́КСИС,** [< *электро...* + *таксис*]. *биол.* Ҳаракати микроорганизмҳо, растаниҳо, ҳайвонот, инчунин ҳуҷайраҳои алоҳида бо таъсири ҷараёни электр.

**ЭЛЕ́КТРОТЕРАПИ́Я,** [< *электро...* + *терапия*]. *тиб.* Барқдармонӣ; электрдармонӣ; муолиҷаи баъзе бемориҳо бо ёрии ҷараёни электр, майдонҳои электрӣ ва магнитӣ.

**ЭЛЕ́КТРОТЕРМИ́Я,** [< *электро...* + юн. therme гармӣ]. Фасли техника, ки равандҳои ба гармӣ табдил додани энергияи электрро меомӯзад.

**ЭЛЕКТРОТЕ́ХНИКА**, [< *электро... + техника*]. **1**. Илм дар бораи раванду ҳодисаҳое, ки бо истифодаи амалии ҷараёни электр алоқаманд мебошанд. **2**. Соҳаи техника, ки ин равандҳоро дар саноат, тиб, кори ҳарбӣ ва ғ. истифода мебарад.

**ЭЛЕКТРОФОРЕ́З,** [< *электро...* + юн. phoros мебарам]. *физ*. Ҷойивазкунии зарраҳои коллоидии заряднок, ки бо таъсири майдони электрии беруна ба амал меояд.

**ЭЛЕКТРОХИ́МИЯ,** [< *электро... + химия*]. Фасли химияи физикӣ, ки равандҳои химиявии таъсири қувваи электрро ба моддаҳо, инчунин ҳодисаҳои электрии дар натиҷаи равандҳои химиявӣ ба вуҷудомадаро меомӯзад.

**ЭЛЕМЕ́НТ,** [< лот. elementum унсур, нахустмодда]. **1**. Дар фалсафаи атиқа – аносири арбаа; ҳар кадоме аз чаҳор унсури асосии табиат (об, бод, хок, оташ). **2**. *хим*. Элементи химиявӣ – моддаи табиӣ ё ба таври сунъӣ ҳосилшуда, ки бо усулҳои муқаррарии химиявӣ ба моддаҳои аз худ содатар тақсим намешавад; Э.-ҳои химиявӣ дар системаи даврии Меделеев бо тартиби муайян ҷой дода шудаанд. **3**. Унсур; қисми таркибии ягон чизи томи мураккаб. **4**. Шахси дорои ягон сифат ё аломати иҷтимоӣ, мас. Э.-и бегона, Э.-и шубҳанок.

**ЭЛЕМЕНТАРӢ,** [< *элемент*]. **1**. Мансуб ба элемент (маънои 2). **2**. Сода, одӣ, муқаррарӣ, рӯякӣ. **3**. Маълум, маъмул.

**ЭЛИ́ТА,** [< фр. elite беҳтарин]. **1**. Беҳтарин, баргузида, хоста гирифташуда, яккачин. **2**. Беҳтарин фардҳо, навъҳо, зотҳои растанӣ ва ҳайвонот, ки бо роҳи *селексия* гирифта шудаанд. **3**. Табақаи хоса, баргузида, зубдаи ҷамъият.

**ЭЛЛА́ДА,** [< юн. Hellas]. Юнони Қадим.

**Э́ЛЛИНҲО,** [юн. hellen]. Юнониёни қадим.

**ЭЛЛИНИ́ЗМ,** [< *эллинҳо*]. **1**. *таър*. Як давраи таърихи минтақаҳои шарқии Баҳри Миёназамин, Осиёи Пеш ва атрофи Баҳри Сиёҳ аз истилои Искандар то солҳои 30-юми солшумории мелодӣ. **2**. *збш*. Калимаю иборaҳои аз забони юнонии қадим гирифташуда.

**Э́ЛЛИПС,** [< юн. elleipsis]. Доираи дарозрӯя, байзашакл.

**ЭМАНСИПА́ТСИЯ (ЭМАНСИПА́ЦИЯ)**, [лот. emancipatio]. Озодӣ; озодшавӣ аз асорат, ҷабру ситам, хурофот, урфу одатҳои кӯҳна.

**ЭМБА́РГО,** [исп. embardo]. Ба хориҷа баровардан ё ба мамлакат овардани мол ва асъорро манъ кардани давлат ё ташкилоти бонуфузи байналмилалӣ; қадаған.

**ЭМБЛЕ́МА,** [юн. emblema]. Рамз, аломат, тамға; тасвири шартии ягон мафҳум, ғоя, мас., кабӯтар – Э.-и сулҳ.

**ЭМБОЛИ́Я,** [< юн. elmballo  дохил мекунам]. *тиб*. Суддабандӣ; рагҳои хунгардро маҳкам кардани ҳубобчаҳои газ ё зарраҳои бегона, ки бо хун ё лимфа омадаанд. || Мқс. тромбоз.

**ЭМБРИОГЕНЕ́З,** [< юн. embrion ҷанин + *...генез*]. *биол.* Инкишофи ҷанинии организм.

**ЭМБРИОЛО́ГИЯ,** [< юн. embrion ҷанин + *...логия*]. *биол.* Фасли биология, ки инкишофи ҷанинии организмро меомӯзад.

**ЭМБРИО́Н,** [юн. embrion]. **1**. *биол.* Ҷанин; организми одам ё ҳайвон дар давраи ибтидоии инкишофаш. **2**. *бот.* Ҷанини тухми растании гулкунанда.

**ЭМБРИОТОМИ́Я,** [< юн. embrion ҷанин + *...томия*]. *тиб.* Бо роҳи ҷарроҳӣ қисм-қисм бурида бартофтани насл, агар таваллуд кардан ба модар душвор шавад ва ба вай хавфи марг таҳдид намояд.

**ЭМИГРА́НТ,** [< *эмигратсия*]. Муҳоҷир; шахсе, ки дар муҳоҷират (*эмигратсия*) аст. ‖ Мқс. мигрант.

**ЭМИГРА́ТСИЯ (ЭМИГРА́ЦИЯ),** [< лот. emigrare кӯчидан]. **1**. Муҳоҷират; ҳиҷрат; ҷалои ватан кардан бо сабабҳои сиёсӣ ё иқтисодӣ. ‖ Мқс. мигратсия. **2**. Муҳоҷирин; ҷамъи муҳоҷирон (*эмигрантҳо*), ки дар ягон мамлакат зиндагӣ мекунанд.

**ЭМИССА́Р,** [< лот. emisarius қосид]. Шахсе, ки аз ҷониби давлат ё ташкилоти сиёсӣ барои иҷрои супориши махфӣ ба давлати диг. фиристода шудааст.

**ЭМИ́ССИЯ[1],** [< лот. emissio баровардан, хориҷ кардан]. *мол.* Баровардани пул ё коғазҳои қиматнок.

**ЭМИ́ССИЯ[2],** [< лот. emissio баровардан, хориҷ кардан]. *физ. Фотон, электрон, ион* ва ғ. афкандани ҷисмҳои гармшуда ё ҷисмҳое, ки ба онҳо майдонҳои электрикӣ ё магнитӣ таъсир мерасонанд.

**ЭМИТЕ́НТ,** [< лот. emittere баровардан]. Муассиса ё корхонае, ки бо баровардани пул ё коғазҳои қиматнок (*эмиссия[1]*) машғул аст.

**ЭМО́ТСИЯ (ЭМО́ЦИЯ),** [< лот. emovere ба ҳаяҷон овардан]. Эҳсос; ҳиссиёт; кайфият.

**ЭМПА́ТИЯ,** [< юн. pathos ҳис кардан, маҳзун шудан]. Ҳисси ҳамдардӣ, дилсӯзӣ ба дигарон; ғамгин шудан аз азобу кулфат ё мушкилоти шахси дигар.

**ЭМПИЕ́МА,** [юн. empyema < pyon мадда, фасод]. *тиб.* Ҷамъ шудани фасод дар ягон ковокии бадан.

**ЭМПИРИ́ЗМ,** [< лот. emperia таҷриба]. *фалс.* Таълимоти фалсафие, ки таҷрибаи эҳсосиро манбаи асосии донишу маърифат мешуморад; баръакси *ратсионализм*.

**ЭМПИРИОКРИТИСИ́ЗМ (ЭМПИРИОКРИТИЦИ́ЗМ),** [< лот. emperia таҷриба + kritike ҳукм баровардан]. *фалс.* Равияе дар фалсафаи охири асри 19 – аввали асри 20, ки объективона вуҷуд доштани олами моддиро рад намуда, ашёро маҳсули шуур ва маҷмуи ҳиссиёт медонист.

**ЭМУ́ЛСИЯ (ЭМУ́ЛЬСИЯ),** [< лот. emulgere дӯшидан]. **1**. Заррахои ҳалнашавандаи ягон моддаи моеъ, ки бо моддаи моеи дигар омехта шудаанд, мас., омехтаи об бо равған. **2**. Моддаи ба равшанӣ ҳассоси *коллоидӣ*, ки ба рӯи навор ё коғази суратгирӣ молида шудааст.

**ЭНДЕМИ́ЗМ,** [< юн. endemos маҳаллӣ]. *биол.* Паҳншавии организмҳо дар минтақаи муайяни географӣ.

**ЭНДО...,** [< юн. endon дар даруни...]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маънои дарунӣ, дар дарун ҷойгиршуда, мас., *эндоскопия*; баръакси *экзо...*, *экто...*

**ЭНДОКА́РД,** [< *эндо...* + kardia дил]. *анат.* Пардаи даруни дил. || Мқс. миокард.

**ЭНДОКАРДИ́Т,** [< *эндокард*]. *тиб.* Варами пардаи даруни дил (*эндокард*). || Мқс. миокардит.

**ЭНДОКРИНӢ,** [< *эндо...* + krino ҷудо мекунам]. *физиол.* Ғ а д у д ҳ о и э н д о к р и н ӣ – ғадудҳое, ки гормонҳоро синтез намуда, ба бадан, хусусан ба хун ва лимфа, паҳн мекунанд.

**ЭНДОКРИНОЛО́ГИЯ,** [< *эндокринӣ* + *...логия*]. Фасли тиб ва физиология дар бораи сохт ва фаъолияти ғадудҳои эндокринӣ, инчунин роҳҳои табобати бемориҳое, ки дар натиҷаи вайроншавии фаъолияти ин ғадудҳо ба вуҷуд омадаанд.

**ЭНДОМЕТРИ́Т,** [< *эндо...* + metra бачадон]. *тиб.* Варами пардаи даруни бачадон.

**ЭНДОСКО́П,** [< *эндо...* + *...скоп*]. Асбоби махсуси найчашакл барои *эндоскопия.*

**ЭНДОСКОПИ́Я,** [< *эндо...* + *...скопия*]. *тиб.* Муоинаи узвҳои дарунӣ ва ковокиҳои бадан бо ёрии *эндоскоп.*

**Э́НДШПИЛ (Э́НДШПИЛЬ),** [< ол. Ende охир + Spiel бозӣ]. Қисми охири бозӣ дар шоҳмот ва шашка.

**ЭНЕРГЕ́ТИКА,** [< *энергия*]. Соҳаи илм ва иқтисод, ки равандҳои истеҳсол, табдилдиҳӣ, интиқол ва истифодаи *энергияро* меомӯзад.

**ЭНЕ́РГИЯ,** [< юн. energeia фаъолият]. **1**. *физ.* Қувва; яке аз хусусиятҳои асосии *материя* – андозаи ҳаракат ва кори он. **2**. Қувва, ғайрат, саъй, ҷидду ҷаҳд.

**ЭНЗИ́М**, [юн. en zime]. *биол.* Ниг. *фермент.*

**ЭНЗОО́ТИЯ,** [< юн. en дар даруни... + zoon ҳайвонот]. *байт.* Бемории сироятии ҳайвонот дар маҳал ё минтақаи муайян.

**ЭНСЕФАЛИ́Т (ЭНЦЕФАЛИ́Т),** [< юн. enkephalos мағзи сар]. *тиб.* Варами мағзи сар. || Мқс. менингит.

**ЭНСЕФАЛОГРА́ММА (ЭНЦЕФАЛОГРА́ММА),** [< юн. enkephalos мағзи сар + *...грамма*]. *тиб.* Тасвири графикии ҳолат ё кори мағзи сар бо ёрии *энсефалография.*

**ЭНСЕФАЛОГРА́ФИЯ (ЭНЦЕФАЛОГРА́ФИЯ),** [< юн. enkephalos мағзи сар + *...графия*]. *тиб*. Таҳқиқи рентгенографии мағзи сар баъди пур кардани ковокиҳои зери парда ва меъдачаҳои мағз бо моддаҳои контрастӣ (ҳаво, оксиген ва ғ.).

**ЭНСИКЛОПЕ́ДИЯ (ЭНЦИКЛОПЕ́ДИЯ),** [< юн. en дар + kyklos доира +paideia маърифт, илм]. Донишнома, қомус; китоби луғатмонанде, ки дар он оид ба ҳамаи соҳаҳо ё ягон соҳаи муайян маълумоти илмӣ ҷамъ оварда шудааст.

**ЭНТЕРИ́Т,** [< юн. enteron рӯда]. *тиб*. Варами рӯдаи борик. || Мқс. гастрит, колит.

**ЭНТЕРО...,** [< юн. enteron рӯда]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки бо рӯда робита доштанро ифода мекунад, мас., *энтероколит*.

**ЭНТЕРОКО́ККҲО,** [< *энтеро...* + *кокқҳо*]. *физиол*. Бактерияҳои стрептококкие, ки дар рӯдаи ҳайвонот ва одам зиндагӣ мекунанд.

**ЭНТЕРОКОЛИ́Т,** [< *энтеро...* + *колит*]. *тиб*. Варами рӯдаҳои борик ва ғафс. || Мқс. гастрит, колит, энтерит.

**ЭНТО...,** [< юн. entos дар даруни...]. Ниг. *эндо...*

**ЭНТОМО...,** [< юн. entomon ҳашарот]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб, ки бо ҳашарот робита доштанро ифода мекунад, мас., *энтомология*.

**ЭНТОМОЛО́ГИЯ,** [< *энтомо...* + *...логия*]. Ҳашаротшиносӣ; фасли *зоология*, ки ҳашаротҳоро меомӯзад.

**ЭНТОМОФА́Г**, [< *энтомо...* + *...фаг*]. Ҳайвони ҳашаротхӯр. || Мқс. фитофаг.

**ЭНТОМОФИЛИ́Я,** [< *энтомо...* + *...филия*]. *бот*. Бо ёрии ҳашарот гардолуд шудани баъзе растаниҳо.

**ЭОЛИ́Т,** [< юн. eos шафақ + lithos санг]. Давраи қадимтарини асри санг; дар ин давра аслиҳаи одамон аз сангпораҳои нӯгтез ва қирадор иборат буд.

**ЭПИ...,** [юн. epi]. Қисми аввали калимаҳои мураккаб ба маъноҳои: дар назди, дар рӯи, баъди, болотар аз, пеш аз, пас аз, мас., *эпилог*.

**ЭПИГРА́ММА,** [юн. epigramma]. **1**. Дар Юнони Қадим – хате, ки дар пояи ҳайкал, рӯи девор, санги қабр, дар рӯи тӯҳфа ва ғ. навишта шудааст. **2**. Шеъри кӯтоҳи истеҳзоомез.

**ЭПИ́ГРАФ,** [< юн. epi + *...граф*]. Андарз ё иқтибоси кӯтоҳ дар аввали китоб ё дар аввали ҳар фасли он, ки ба мавзуъ ё ғояи асосии асар ишора мекунад.

**ЭПИДЕМИОЛО́ГИЯ,** [< *эпидемия* + *...логия*]. Фасли тиб, ки сабабу қонуниятҳои пайдоиш ва паҳншавии бемориҳои сироятӣ ва роҳҳои мубориза бо онҳоро меомӯзад.

**ЭПИДЕ́МИЯ,** [юн. epidemia бемории саросарӣ, оммавӣ]. *тиб*. Васеъ паҳн шудани ягон бемории сироятӣ, мас., вабо, сил, *грипп* ва ғ. дар маҳал, минтақа, мамлакат. || Мқс. пандемия.

**ЭПИДЕ́РМИС, ЭПИДЕ́РМА,** [< *эпи* + derma пӯст]. **1**. *анат*. Пӯстпарда; қабати болоии пӯсти одам ва ҳайвон. **2**. *бот*. Пӯстлох; бофтаи берунии танаи растаниҳои олӣ, ки вазифаи муҳофизатро иҷро мекунад.

**ЭПИЗОО́ТИЯ,** [< *эпидемия* + zoon ҳайвонот]. *байт*. Васеъ паҳн шудани ягон бемории сироятӣ дар байни ҳайвонот ва муромурии зиёди ҳайвонот дар натиҷаи ин бемориӣ.

**Э́ПИКА,** [< *эпос*]. Маҷмуи асарҳои эпикӣ (достонҳо, ривоятҳо ва ғ.).

**ЭПИКУРЕИ́ЗМ,** [аз номи файласуфи юнонӣ Эпикур]. **1**. *фалс*. Фалсафаи материалист ва атеисти Юнони Қадим Эпикур (341 – 270 то милод), ки оламро дар асоси ақидаҳои атомистӣ тавзеҳ дода буд (ниг. *атомизм*); асоси таълимоти этикии ӯ алоқадри ҳол кӯшидан барои хушбахтӣ аст. **2**. Ҷаҳонбиние, ки аз таҳрифи таълимоти этикии Эпикур пайдо шудааст ва он айшу ишратро мақсади ҳаёт мешуморад. **3**. *маҷ*. Айшдӯстӣ, ишратпарастӣ.

**ЭПИЛО́Г**, [< юн. epi баъди + logos сухан]. Мақтаъ; фуровард; қисми хотимавии асари бадеӣ, опера, кинофилм ва ғ.

**ЭПИЛЯ́ТОР,** [< *эпилятсия*]. Мӯйчинак, мӯйканак.

**ЭПИЛЯ́ТСИЯ (ЭПИЛЯ́ЦИЯ),** [< юн. epi аз + pilus мӯй, пашм]. Чидан, кандани мӯйи бадан (одатан бо ёрии *эпилятор*).

**ЭПИСКО́П,** [< юн. epi ба + *...скоп*]. Асбоби оптикӣ барои дар экран намоиш додани сурат, нақша, харита, слайд ва ғ. ҳангоми дарс, лексия, маърӯза. || Мқс. диапроектор, проектор.

**ЭПИСТЕМОЛО́ГИЯ,** [< юн. episteme дониш + *...логия*]. *фалс*. Назарияи маърифат. || Мқс. гносеология.

**ЭПИТАЛА́МА,** [юн. epithalamios]. Шеър, достон ё суруди тантанавӣ бахшида ба арӯсу домод.

**ЭПИТА́ФИЯ,** [< юн. epi дар рӯи + taphos қабр]. **1**. Хати санги болои қабр; катибаи мақбара. **2**. *адш*. Марсия.

**ЭПИТЕ́ЛИЙ,** [юн. epithele]. **1**. *анат*. Бофтае, ки сатҳи пӯст, қарнияи чашм, инчунин сатҳи дарунии узвҳои дарунковоки ҳозима, нафаскашӣ, таносул ва пешобро пӯшондааст; барои муҳофизат, ғизогирӣ ва мубодилаи моддаҳо хизмат мекунад. || Мқс. эндотелий, эпидермис. **2**. *бот*. Ниг. *эпидермис* (маънои 2).

**ЭПИФА́УНА,** [< *эпи...* + *фауна*]. *биол*. Маҷмуи организмҳои обие, ки дар қаъри ҳавзаҳои об зиндагӣ мекунанд.

**ЭПИФИТО́ТИЯ,** [< *эпи...* + phyton растанӣ]. *бот.* Васеъ паҳн шудани ягон бемории растанӣ дар хоҷагӣ, ноҳия, мамлакат.

**ЭПОПЕ́Я,** [юн. epopoiia]. Силсилаи асарҳо ё асари калони эпикии як нависанда, ки воқеаҳои муҳими таърихии ягон давраро тасвир мекунад (мас., "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ, романи "Ҷанг ва сулҳ"-и Л. Толстой).

**Э́ПОС**, [юн. epos ҳикоя, нақл]. *адш.* **1**. Яке аз ҷинсҳои адабӣ (дар қатори *драма* ва *лирика*). **2**. Достони қаҳрамонӣ; достони ҳамосӣ.

**Э́ПУЛИС,** [< юн. epi дар рӯи + ulon милк, вора]. *тиб.* Варами милки дандон.

**ЭРА́ТО,** [юн. Erato]. Дар асотири юнониёни қадим – яке аз 9 олиҳа, ҳомии назми ошиқона.

**ЭРЕ́КТОР,** [< лот. erectio рост кардан]. *анат.* Мушаки росткунандаи ягон узви бадан, мас., пой, гардан.

**ЭРЕ́КСИЯ (ЭРЕ́КЦИЯ),** [< лот. erectio рост кардан]. *физиол.* **1**. Нуузи узви таносул. **2**. Ростшавии ягон узви бадан (пой, миён, гардан ва ғ.).

**ЭРИ́СТИКА,** [< юн. eristikos баҳскунанда]. Санъати баҳс.

**ЭРИТРЕМИ́Я,** [< юн. erythros сурх + haima хун]. *тиб.* Ниг. *полиситемия.*

**ЭРИТРОСИ́Т (ЭРИТРОЦИ́Т),** [< юн. erythros сурх + kytos ҳуҷайра]. *физиол.* Қисми таркибии хун – ҷисмчаи сурхи хун, ки дорои *гемоглобин* мебошад.

**ЭРМИТА́Ж,** [фр. ermitage]. Хонаи боғчадори берунишаҳрӣ. || Мқс. дача, фазенда.

**ЭРО́ЗИЯ**, [< лот. erosio хӯрдашавӣ]. **1**. *геол.* Вайроншавии қабати болоии замин ё ҷинсҳои кӯҳӣ бо таъсири об, шамол, ях, реаксияҳои химиявӣ ва ғ. **2**. Вайрон шудан ё занг задани металл бо таъсири моеъ, газ, омилҳои механикӣ. || Мқс. коррозия. **3**. *тиб.* Бодхӯра; захмдор шудани сатҳи пӯст ё луобпарда.

**Э́РОС,** [юн. Eros]. **1**. Дар асотири юнониёни қадим – худои ишқу муҳаббат. **2**. *фалс.* Дар фалсафаи Афлотун – таваҷҷӯҳ ва рағбати сахт ба олами фантастикӣ, фавқуттабиаи "идеяҳо". **3**. *астр.* Номи яке аз сайёраҳои хурд.

**Э́РОТ,** [юн. Erotos]. Ниг. *Эрос* (маънои 1).

**ЭРОТИ́ЗМ,** [< *эротика* + пасв. *-изм*]. Шаҳватпарастӣ; номи умумии зуҳуроти гуногуни майлу рағбати шаҳвонӣ.

**ЭРО́ТИКА,** [< юн. erotikos ишқӣ, ошиқона]. **1**. Шаҳват, шаҳватпарастӣ; рағбати шаҳвонӣ ба бадани урён, ба алоқаи ҷинсӣ. **2**. Тасвири бадани урён ё алоқаи ҷинсӣ дар адабиёт, санъати тасвирӣ, кино ва ғ.

**ЭРСТЕ́Д,** [аз номи физики даниягӣ Х. Эрстед (1777 – 1851)]. *физ.* Воҳиди шиддатнокии майдони магнитӣ, ки ба 79,58 *ампер* дар 1 м баробар аст.

**ЭСКА́ДРА,** [фр. escadre]. Иттиҳодияи калони киштиҳо ё ҳавопаймоҳои ҳарбӣ.

**ЭСКАДРИ́ЛЯ (ЭСКАДРИ́ЛЬЯ),** [< *эскадра*]. Иттиҳодияи хурди киштиҳо ё ҳавопаймоҳои ҳарбӣ.

**ЭСКАДРО́Н,** [< *эскадра*]. Дастаи сарбозони савора (аспсавор).

**ЭСКАЛА́ТОР,** [англ. escalator]. Зинаи равон; зинаи нишеби сатҳаш резинӣ, ки поймонакҳояш доимо дар ҳаракат буда, одамонро боло ё поён мебарад.

**ЭСКАПИ́ЗМ,** [< англ. to escape гурехтан, гурез]. *фалс., психол.* Кӯшиши гурехтан аз олами воқеӣ ба олами хаёлот.

**ЭСКВА́ЙР,** [англ. esquire]. *таър.* Дар Англияи замонҳои пеш – силоҳбардор, муҳофиз, танпаноҳи ритсар; баъдтар – унвони хурдтарини дворянӣ, инчунин шахсе, ки чунин унвон дорад.

**ЭСКИ́З,** [исп. scizzo]. Ангора; тарҳи пешакии сурат.

**ЭСКО́РТ,** [фр. escorte]. Дастаи мушоаят.

**ЭСКУ́ДО,** [порт., исп. escudo]. Воҳиди пули Португалия ва баъзе мамлакатҳои диг. (то ҷорӣ гардидани *евро*), ки ба 100 *сентаво* баробар аст.

**ЭСКУЛА́П,** [лот. Aesculapius]. **1**. Дар асотири римиёни қадим – худои табобат. **2**. *куҳна*. Лақаби шӯхиомези табиб, духтур.

**ЭСПА́ДА,** [исп. espada]. Ниг. *матадор*.

**ЭСПАДО́Н,** [< исп. espada]. *таър***.** Шамшери калони вазнин, ки дар вақти ҷанг дудаста мебардоштанд.

**ЭСПА́НДЕР,** [англ. expander]. Асбоби тамринии резинӣ ё пружинӣ, ки онро бо панҷаи даст фишурда, мушакҳоро инкишоф медиҳанд.

**ЭСПАНЙОЛКА (ЭСПАНЬО́ЛКА),** [< фр. espagnol испанӣ]. Риши кӯтоҳи нӯгтез.

**ЭСПЕРА́НТО,** [< лот. sperare умед доштан]. Забони сунъии байналмилалӣ, ки соли 1887 духтури варшавагӣ Л. Заменгоф ихтироъ кардааст.

**ЭССЕ́,** [фр. essai]. Навъи очерк, ки на бо тартиби муайяни илмӣ, балки дар шакли озод навишта мешавад; иншои озод.

**ЭССЕ́НСИЯ (ЭССЕ́НЦИЯ),** [лот. eccentia]. Ҷавҳар; маҳлули моддаҳои бухоршаванда.

**ЭСТАКА́ДА,** [< фр. estacade пули поядор]. **1**. Иншооти пулмонанд барои бурида гузаштани як роҳ аз болои роҳи дигар. **2**. Пули пасту баландшаванда, ки дар истгоҳҳои роҳи оҳан ва бандарҳо сохта шуда, барои бор кардану фуровардани бор хизмат мекунад.

**ЭСТАФЕ́ТА,** [фр. estafette]. **1**. *куҳна*. Почтае, ки муросилотро ба воситаи чопарҳо мефиристод. **2**. *варз.* Навъи пойга, ки пойгачиён дар қитъаи муайяни роҳ якдигарро иваз мекунанд ва пойгачиёни нав ҳамроҳшуда чизи шартӣ, мас.,

байрақча, чубчаро, аз дасти пойгачиёни пештара гирифта, давиданро давом медиҳанд. **3**. Худи ҳамон чизи шартӣ, ки пойгачии аз пойга баромада ба дасти пойгачии нав медиҳад.

**ЭСТЕЗИОЛО́ГИЯ,** [< юн. aisthesis ҳис, эҳсос + *...логия*]. *тиб*. Фасли илми тиб дар бораи сохт ва вазифаҳои узвҳои ҳис.

**ЭСТЕТИ́ЗМ,** [< *эстетика* + пасв. *-изм*]. **1**. Нафосатдӯстӣ, зебоипарастӣ. **2**. Зоҳирпарастӣ; аҳамият додан на ба моҳият, мазмун, балки ба шакли зоҳирӣ.

**ЭСТЕ́ТИКА,** [< юн. aisthetikos ҳиссӣ]. **1**. Таълимоти фалсафие, ки моҳият, пайдоиш ва инкишофи санъатро таҳқиқ намуда, қонунҳои инкишофи онро аз нуқтаи назари зебоии ҳаёт ва инъикоси он дар асарҳои санъат меомӯзад. **2**. Зебоипарастӣ (дар санъат, эҷодиёти бадеӣ ва, умуман, дар ҳаёт). **3**. Зебоӣ, нафосат, ҳусн.

**ЭСТРА́ДА,** [< исп. estrado суфа]. **1**. Саҳнаи суфамонанд барои ҳунарнамоии сароянддагон, навозандагон, раққосон, ҳаҷвнигорон. **2**. Навъи санъат – дар саҳна намоиш додани асарҳои хурди мусиқӣ, драмавӣ, хореографӣ, сиркӣ, ҳаҷвӣ.

**ЭТАЛО́Н,** [фр. etalon]. **1**. Намунаи дақиқ сохташудаи асбобу воситаҳои андозагирӣ, ки барои санҷидани ҳамин гуна асбобу воситаҳои диг. истифода мешавад. **2**. *маҷ*. Намуна; меъёр, маҳак.

**ЭТАНО́Л,** [ол. Athanol]. *хим*. Спирти *этил*.

**ЭТАТИ́ЗМ,** [фр. etatisme]. Иштироки фаъолонаи давлат дар ҳаёти иқтисодии ҷомеа.

**Э́ТИКА,** [< юн. etikos одат, феълу хӯ]. **1**. Илми ахлоқ; таълимоти фалсафӣ дар бораи ахлоқ, инкишоф, меъёрҳо ва нақши он дар ҷомеа. **2**. Маҷмуи меъёрҳои ахлоқ, одоб, рафтор дар ин ё он гурӯҳи ҷамъиятӣ. 3. Умуман, ахлоқ, одоб.

**ЭТИКЕ́Т,** [< *этика*]. Тартиби дар ягон ҷо муқарраршуда, қабулшудаи одоб ва рафтор.

**ЭТИКЕ́ТКА,** [фр. etiquette]. Тамғакоғаз; коғази рӯи мол, ки дар он номи корхона, санаи истеҳсол, муҳлати истифода ва маълумоти диг. дарҷ ёфтааст.

**ЭТИ́Л,** [фр. ethyle]. *хим*. Гурӯҳи иборат аз ду атоми карбон ва панҷ атоми гидроген, ки ба таркиби баъзе пайвастҳои органикӣ дохил мешавад. || Мқс. метил.

**ЭТИЛЕ́Н,** [< *этил*]. Гази беранги даргиранда, ки аз он бӯи сир меояд; аз карбон ва гидроген иборат аст; барои истеҳсоли *полиэтилен*, спирти этил ва ғ. истифода мешавад.

**ЭТИМОЛО́ГИЯ,** [< юн. etimon маънои аслии калима + *...логия*]. **1**. Фасли забоншиносӣ, ки пайдоиши калимаҳоро меомӯзад. **2**. Пайдоиши калимаҳо ва хешии онҳо бо калимаҳои забони диг.

**ЭТИМО́Н,** [< юн. etimon маънои аслии калима]. *збш*. Калимаи аввала, аслӣ, ки аз он калимаи ҳозира пайдо шудааст.

**ЭТИОЛО́ГИЯ,** [< юн. aittia сабаб + ...*логия*]. **1**. Фасли тиб, ки сабаби пайдоиши бемориҳоро меомӯзад. **2**. Сабаби пайдоиши бемориӣ.

**ЭТИОЛЯ́ТСИЯ (ЭТИОЛЯ́ЦИЯ),** [< фр. etioler пажмурда кардан]. *бот.* Инкишофи растанӣ дар торикӣ.

**ЭТНИКӢ,** [< юн. ethnos халқ]. Мансуб ба ягон халқ; мардумӣ.

**ЭТНОГЕНЕ́З,** [< юн. ethnos халқ + ...*генез*]. Соҳаи *этнография*, ки пайдоиши халқҳоро меомӯзад.

**ЭТНОГРА́ФИЯ,** [< юн. ethnos халқ + ...*графия*]. Мардумшиносӣ; илме, ки тарзи зист, урфу одат, анъана ва фарҳанги моддию маънавии халқҳоро меомӯзад.

**ЭТНОЛИНГВИ́СТИКА,** [< юн. ethnos халқ + *лингвистика*]. *збш.* Фасли илми забоншиносӣ, ки робитаи байни забон ва хусусиятҳои этникиро меомӯзад.

**ЭТНОЛО́ГИЯ,** [< юн. ethnos халқ + ...*логия*]. Ниг. *этнография.*

**ЭТНО́НИМ,** [< юн. ethnos халқ + onyma ном]. Номи халқ. || Мқс. антропоним, топоним.

**Э́ТНОС,** [< юн. ethnos халқ]. Номи умумии халқҳо, миллатҳо, халқиятҳо, ақаллиятҳои миллӣ.

**ЭТОЛО́ГИЯ,** [< юн. ethos урфу одат + ...*логия*]. Илм оид ба рафтори ҳайвонот дар шароити табиӣ.

**ЭТЮ́Д,** [фр. etude]. **1**. Тарҳи ягон асар ё як қисми он дар санъати тасвирӣ ё дар санъати ҳайкалтарошӣ. **2**. Асари на чандон калони мусиқӣ. **3**. Рисолаи хурди илмӣ, адабӣ ё фалсафӣ. **4**. Тарзи ҷобаҷогузори мухраҳо дар шоҳмот ё шашка, ки яке аз тарафҳо (одатан сафедҳо) бе нишон додани миқдори гашт онро бояд барад ё дуранг кунад.

**ЭФИ́Р,** [юн. aither]. **1**. *хим.* Пайвасти органикӣ – моеи беранги зуд бухоршаванда, ки бӯи тез дорад; аз баргу меваи баъзе растаниҳо ҳосил мекунанд; дар тиб ва атриёт истифода мешавад. **2**. Муҳити ҳаво, ки дар он радиомавҷҳо ва сигналҳо паҳн мешаванд.

**ЭФФУ́ЗИЯ,** [< юн. effusio шоридан]. **1**. Аз сӯрохиҳои танг кам-кам хориҷ шудани газ. **2**. *геол.* Ба рӯи замин бо суръати паст шорида паҳн шудани гудоза аз даҳани вулқон ё аз роғҳои замин.

**ЭХИНОКО́КК,** [< юн. echinos хорпушт + kokkos дона]. *тиб.* Кирми ангали риштамонанд, ки дар рӯдаи саг, гург, гурба зиндагӣ мекунад, инчунин тухми ҳамин кирм, ки дар ҷигару шуш ва рӯдаҳои ҳайвоноти алафхӯр ва одам пайдо шуда, боиси бемориҳои гуногун мегардад.

# Ю

**ЮА́Н (ЮА́НЬ),** [< хит. yuan гирд, гирдак]. Воҳиди пули Хитой, ки ба 100 фин баробар аст.

**ЮВЕНАЛӢ,** [< лот. juvenalis наврасӣ]. *физиол.* Ноболиғ (аз нигоҳи ҷинсӣ).

**ЮДОФО́Б,** [< лот. judaeus яҳудӣ + *...фоб*]. Ниг. *антисемит.*

**ЮМОР**, [англ humour < лот. humor кайфият, табъ]. **1**. Зарофат, ҳаҷв, мутоиба. **2**. Жанри адабиёт ва санъат – бо ҳазлу шӯхӣ тасвир кардани рафтори касе, ҳодисае, ҳолате.

**Ю́НГА**, [ол. Jnge писарбача]. Маллоҳбача; писарбачае, ки дар киштӣ касби баҳрнавардӣ меомӯзад.

**ЮНИО́Р**, [< лот. junior хурдӣ]. Варзишгари наврас (то 17-18-сола).

**Ю́НКЕР**, [ол. Junker]. *таър.* **1**. Дар Россияи подшоҳӣ – талабаи омӯзишгоҳи ҳарбӣ. **2**. Заминдори калон дар Пруссияи феодалӣ. || Мқс. дворянин, помешик.

**ЮРИСДИ́КСИЯ (ЮРИСДИ́КЦИЯ)**, [лот. jurisdictio мурофиаи судӣ]. **1**. Ҳуқуқи суд кардан. **2**. Доираи ҳуқуқ; чаҳорчӯбаи ҳуқуқии мақомоти судӣ ё мақомот, идора, ташкилоти диг.

**ЮРИСПРУДЕ́НСИЯ (ЮРИСПРУДЕ́НЦИЯ)**, [лот. juris prudentia]. **1**. Ҳуқуқшиносӣ; илми ҳуқуқ. **2**. Фаъолияти амалии ҳуқуқшинос.

# Я

**ЯДРО́,** [< рус. мағз]. **1**. *биол.* Узви ҳаётан зарури ҳуҷайраҳои растанӣ ва ҳайвонот, ки аз ядрочa, *хромосомҳо* ва *кариоплазма* иборат аст. **2**. *варз.* Асбоби варзиши сабук, гулӯлаи металлӣ барои ҳаво додан. **3**. Ядрои атом – қисми марказии *атом*, ки дорои заряди мусбат буда, аз *протонҳо* ва *нейтронҳо* иборат аст. **4**. Ядрои Замин – маркази чуқуртарини *геосфераи* Замин, ки радиусаш ба ҳисоби миёна 3,5 км аст.

**ЯДРОӢ**, [< ядро]. Мансуб ба *ядро*, ҳар чизи бо ядро (маънои 3) алоқаманд, мас., физикаи Я., аслиҳаи Я., энергияи Я.

**ЯНВА́Р (ЯНВА́РЬ),** [лот. januarius]. Моҳи якуми соли тақвимӣ, ки 31 шабОрӯз аст.

**Я́НСКИЙ**, [аз номи олим ва ихтироъкори амрикоӣ К. Янски (1905 - 1950)]. *физ.* Воҳиди зичии спектралии селаи афканишот.

**Я́НУС**, [лот. Janus]. **1**. Дар асотири Рими Қадим – худои вақт, ибтидою интиҳо; бо ду чеҳраи ба якдигар нигаранда тасвир карда мешуд. **2**. *маҷ.* Шахси дурӯя, мунофиқ.

**ЯРД,** [англ. yard]. Воҳиди англисии дарозӣ, ки ба 3 *фут* ё 91, 44 см баробар аст.

**Я́РМАРКА,** [ол. jahrmarkt бозори ҳарсола]. Бозори калони ҳарсола, ки дар ҷои муайян ташкил карда мешавад; дар вақти **Я**. сайру тамошо, намоиши маҳсулот, рақсу суруд ва ҳар гуна мусобиқаю бозиҳо барпо мегарданд.

**ЯСЛӢ,** [рус.]. **1**. Ширхоргоҳ; тарбияхонаи кӯдакони хурдсол. **2**. Охур.

**Я́ХТА,** [англ. yacht < ҳол jacht]. Киштии хурди бодбондор ё муҳаррикдор барои пойга ё саёҳат.

**ЯХТСМЕ́Н,** [англ. yachtsman]. Варзишгаре, ки дар пойгаи *яхтаҳо* иштирок мекунад.